**АФТОНДАН** افتاندن *тарзи бавоситаи* **афтодан//афтидан**; ғалтондан; **ба замин афтондан, аз по афтондан** хобондан, ғалтондан; **аз чашм афтондан** ба чашм бад намоёндан (касеро); **ба даст афтондан** дастгир кардан, доштан; дастгир кунонидан; **ба дом афтондан** гирифтор кардан, ба дом гирифтан.

**АФТОНИДАН** افتانیدن *ниг.* **афтондан**.

**АФТУДАРАФТ** افتودرفت гирудор, занозанӣ, задухӯрд, часпочаспӣ, ҷангу ҷидол; **афтударафт кардан** часпочаспӣ кардан, занозанӣ намудан.

**АФТУХЕЗ** افتوخیز 1. афтидану хестан; калавидану пешпо хӯрдан. 2. *маҷ.* часпу талош, задухӯрд.

**АФФИКС** *лот.* افیکس *ниг.* **ванд**.

**АФҲОМ** *а.* افهام *ҷ.* **фаҳм**.

**АФЧА** افچه *кит., ниг.* **хӯса**.

**афшон** افشان 1. *асоси замони ҳозира аз* **афшондан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* резанда, пошанда, афшонанда: **болафшон, нурафшон, зарафшон, оташафшон**...

**АФШОН** افشان 1. хол-хол нақшшуда, ҳар ҷо-ҳар ҷо нақшшуда; нақшу нигорест, ки дар коғаз ё ба девор ба воситаи пош додани рангҳо пайдо мешавад. 2. *кит.* ошуфта, парешон.

**АФШОН(И)ДАН** افشاندن//افشانیدن 1. пошидан, чошидан. 2. ларзон(и)дан, ҷунбон(и)дан; **пушт афшондан** пушт ларзондан, пушт ҷунбондан, пушт дарҳам кашидан. 3. барои чангу хоки чизеро равондан онро сахт такон додан, шиппондан. 4. нисор кардан, рехтан. 5. нақшу нигор кардан, нақш ниҳодан; **бол афшондан** бол задан; **гулӯ афшондан** сулфидан; **даст афшондан** а) даст ҷунбондан (*барои хайрухуш кардан*); б) *маҷ.* изҳори норизогӣ кардан, қаҳру ранҷиш зоҳир намудан (*бо ҳаракати хоси даст*); **доман афшондан** а) доман шиппондан; б) *маҷ.* чизеро тарк карда рафтан, аз чизе умеди худро канда рафтан; **кисаро афшондан** кисаро холӣ кардан; ◊ **даст афшондану по кӯфтан** рақсидан.

**АФШУРА** افشوره 1. оби мева ва наботот, ки фушурда мегиранд, шарбат, шира: **афшураи ангат**. 2. туфола, усора.

**АФШУРДА** افشورده *сифати феълии замони гузашта аз* **афшурдан**; **лимӯи афшурда** лимӯи ғиҷим карда ё пахш карда обашро гирифта.

**АФШУРДАГОМ** افشوردهگام *кит.* собитқадам, устувор.

**АФШУРДАН** افشوردن 1. бо зӯри даст пахш карда баровардани оби чизе, фушурдан, ғиҷим кардан. 2. *маҷ.* танг кардан, азоб додан.

**АФЪӢ//АФЪО** *а.* افعی навъе аз морҳои заҳрдор бо бадани ғафсу думи кӯтоҳ ва сари паҳни секунҷамонанд, ки намудҳои гуногун дорад.

**АФЪОЛ** *а.* افعال *ҷ.* **феъл** (корҳо, амалҳо); **афъоли бад** корҳои бад; **афъоли нек** рафтору кирдори хуб ва муносиб; **афъолу атвор** рафтору кирдор.

**АФЮН** افیون моддаи беҳушкунанда ва мастиоваре, ки аз шираи ғӯзаи кӯкнор ҳосил мекунанд, тарёк.

**АФЮНӢ** افیونی 1. *мансуб ба* **афюн**. 2. тарёкӣ, нашъаманд, истеъмолкунандаи афюн.

**АФЮНХӮР** افیونخور тарёкӣ, нашъаманд.

**АХ** *а.* اخ *кит.* бародар, додар.

**АХАВОН** *а.* اخوان *ҷ.* **ах**.

**АХБОР** *а.* اخبار 1. *ҷ.* **хабар; арбоби ахбор** хабардиҳандагон, хабарнигорон; **воситаҳои ахбори умум** *ниг.* **восита**; **ахбор гирифтан** хабар гирифтан, бохабар шудан. 2. барномаи хабарҳои тоза дар бораи вазъияти рӯз, ки аз радио, телевизион ва дигар воситаҳо пахш ва нашр мегардад: **ахбори варзишӣ**, **ахбори рӯз, ахбори сиёсӣ; ахбор додан** а) хабар додан, бохабар кардан; б) шунавонидани хабарҳои тоза, пахши ахбор ба воситаи радио ва телевизион. 3. *д.* ҳадис ва ривоятҳое, ки аз Муҳаммади пайғамбар (с) ва саҳобаҳои ӯ нақл шудааст.

**АХБОРДИҲАНДА** اخباردهنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **хабар додан**; хабардиҳанда, маълумотдиҳанда.

**АХБОРДИҲӢ** اخباردهی *исми феълӣ аз* **ахбор додан**; хабар додан, маълумот додан.

**АХБОРНАВИС** اخبارنویس хабардиҳандаи воқеаҳо, хабарнигор, мухбир.

**АХБОРНАВИСӢ** اخبارنویسی амал ва шуғли ахборнавис, мухбирӣ, хабарнигорӣ.

**АХБОРНОМА** اخبارنامه навиштаҷоти махсус, ки аз ягон воқеаи муҳим хабар медиҳад.

**АХГАР** اخگر 1. пораи оташи афрӯхта, ангишти афрӯхта, оташпора, лахча. 2. шарора, оташпораи бисёр майдае, ки дар миёнаи шӯъла сар зада, пош мехӯрад.

**АХГАРВОР** اخگروار мисли лахча, монанди оташпора.

**АХГАРИСТОН** اخگرستان *кит.* маҳалли ахгар, оташдон, манқал.

**АХГАРОСО** اخگرآسا *ниг.* **ахгарвор**.

**АХГУЛ** اخگل хасҳои сӯзанмонанди хӯшаҳои ҷав ва гандум, суки хӯшаи ғалла.

**АХЁР** *а.* اخیار *ҷ.* **хайр** *ва* **хайир** (некон ва некӯкорон).

**АХЗ** *а.* اخذ *кит.* гирифтан, дарёфт, ба даст овардан; **ахз кардан** гирифтан, дарёфт кардан.

**АХЗАР** *а.* اخضر *кит.* кабуд, нилгун; **чархи ахзар** осмони нилгун.

**АХЗАРӢ** اخضری кабудтоб, нилгун.

**АХИР** *а.* اخیر *кит.* **охир**.

**АХИРАН** *а.* اخیراً дар вақтҳои охир, ба наздикӣ.

**АХЛОҚ** *а.* اخلاق *ҷ.* **хулқ**. 1. қоидаҳои рафтору одоб, хислатҳои рӯҳиву маънавӣ ва фарҳангии пазируфта миёни мардум ва риояи онҳо аз тарафи ҳар як фарди ҷамъият; **ахлоқи нек** хулқу одоби писандида; **ахлоқу одоб** рафтор, тарзу равиш, хулқу атвор. 2. хислат, табъ; **илми ахлоқ** як соҳаи илми фалсафа, ки бо омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои ахлоқ машғул аст.

**АХЛОҚАН** *а.* اخلاقاً аз ҷиҳати ахлоқ, аз ҷиҳати одоб.

**АХЛОҚИЁТ** اخلاقیات кули масъалаҳои ахлоқӣ.

**АХЛОҚӢ** اخلاقی *мансуб ба* **ахлоқ: савияи ахлоқӣ**.

**АХЛОҚОМӮЗӢ** اخلاق آموزی омӯхтани талабот ва қоидаҳои ахлоқ.

**АХЛОТ** *а.* اخلات 1. *ҷ.* **хилт**; **ахлоти арбаа** чаҳор унсур – хун, сафро, савдо ва балғам, ки ба ақидаи табибони қадим бемориҳо аз онҳо сар мезананд. 2. пору; хокрӯба, чизҳои пас партофташуда.

**АХЛОТКАШОНӢ** اخلات‌کشانی кашондани ахлоту партовҳо.

**АХЛОТПАРТОӢ** اخلات‌پرتائی 1. партофтан ё бурда ба ҷое рехтани ахлот. 2. ҷои партофтани ахлот ва хасу хокрӯбаҳо: **қуттии ахлотпартоӣ, зарфи ахлотпартоӣ**.

**АХЛОТРЕЗӢ** اخلات‌ریزی 1. рехтани ахлот. 2. ҷои рехтани ахлот ва партову хокрӯбаҳо, ахлотпартоӣ.

**АХЛОТТӮДА** اخلات‌توده тӯдаи ахлот, ҷамъшудаи ахлот.

**АХЛОТХОНА** اخلات‌خانه ҷои ахлот, ҷои ахлотрезӣ, ахлотҷой.

**АХЛОТҶОЙ** اخلات جای ҷои ахлотрезӣ.

**АХЛОФ** *а.* اخلاف *ҷ.* **халаф** (фарзандон; пасояндагон).

**АХРАБ** *а.* اخرب 1. *кит.* харобтар, вайронтар. 2. *адш.* дар арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи партофта шудани ҳиҷои аввал ва кӯтоҳ шудани ҳиҷои охири рукни асосии баҳри ҳазаҷ – «мафоӣлун» шакли «фоӣлу» ба вуҷуд ояд ҳам, ба ҷои он рукни «мафъӯлу»-ро истифода мебаранд; вазни анъанавии рубоӣ шаҷараи ахраб ва шаҷараи ахрами баҳри ҳазаҷ ба ҳисоб меравад; *муқ.* **ахрам**.

**АХРАМ** *а.* اخرم 1. *кит.* он ки девораки биниаш бурида шудааст, чокбинӣ. 2. *кит.* буридашуда; *муқ.* **мураххам**. 3. *адш.* дар арӯз номи зиҳофест, ки дар асл «мафоӣлун» буда, дар натиҷаи исқоти ҳиҷои аввали он «фоӣлун» боқӣ монда бошад ҳам, ба ҷои он рукни «мафъӯлун»-ро кор мефармоянд; яке аз ду шаҷараи вазни рубоӣ ба ҳамин зиҳоф асос ёфта, шаҷараи ахрам ном дорад ва аз дувоздаҳ навъ иборат аст; *муқ.* **ахраб**.

**АХТА** اخته бехоя, ҳайвоне, ки хояашро гирифтаанд; **ахта кардан** барои боздошти ҷуфтшавии ҳайвонҳо канда гирифтани хояҳои ҳайвонҳои нарина (*аз қабили* асп, барзагов *ва г*).

**АХТАКУНӢ** اخته‌کنی *исми амал аз* **ахта кардан**; амалиёти ахта кардан.

**АХТАР** اختر 1. ситора, кавкаб, наҷм; *ба тариқи истиора*: **ахтари бахт, ахтари толеъ**. 2. *маҷ.* бахт, иқбол, толеъ; **ахтари ситезасар** бахти каҷрафтор ва носазовор; **ахтари дунболадор** *ниг.* **ситораи думдор; ахтари қутб** ситораи қутб; **ахтари сарсабз** ситораи бахт, сайёраи саъд; **ахтари шабгард** а) ситораи номусоид, ситораи наҳс; б) моҳ; **ахтари ковиён** парчами Фаридун, байрақи Коваи оҳангар; **ахтар шуморидан (ё шумурдан)** *ниг.* **ситора (шумурдан); бедор гаштани ахтари хуфта** омад кардани бахт.

**АХТАРБИН** اختربین *кӯҳн.* ахтаршинос, ситора-

шинос, мунаҷҷим.

**АХТАРГӮ(Й)** (اخترگو(ی) *кит.* мунаҷҷим, фолбин.

**АХТАРӢ** اختری 1. *мансуб ба* **ахтар**. 2. мунаҷҷим, ситорашинос.

**АХТАРНИГОРӢ** اخترنگاری *нав.* аксбардорӣ аз ҷирмҳои осмонӣ бо истифода аз дурбинҳои махсуси ситорашиносӣ.

**АХТАРСИПОҲ** اخترسپاه *маҷ.* серлашкар, бо сипоҳи бешумор.

**АХТАРСӮХТА** اخترسوخته *киноя аз* бадбахт, баргаштабахт.

**АХТАРШИНОС** اخترشناس *ниг.* **ситорашинос**.

**АХТАРШИНОСӢ** اخترشناسی *ниг.* **ситорашиносӣ**.

**АХТАРШУМОР** اخترشمار *ниг.* **ситорашумор**.

**АХТАРШУМОРӢ** اخترشماری *ниг.* **ситорашуморӣ**.

**АХТАХОНА** اخته خانه саисхона, тавила.

**АХТОР** *а.* اخطار 1. *ҷ.* **хатар**. 2. танбеҳ; огоҳӣ.

**АХФАШ** اخفش *кит.* он ки мубтало ба бемории хафаш аст, яъне ба рӯшноӣ нигариста наметавонад; *муқоб.* **шабкӯр**; он ки чашмаш заиф ва камнур аст; ◊ **бузи ахфаш** он ки гаперо надониставу нафаҳмида тасдиқ мекунад.

**АХШ** اخش *кит.* арзиш, баҳо, қимат.

**АХШАМ** *а.* اخشم *кит.* он ки ҳисси бӯй - қувваи шомма надорад.

**АХШЕҶ** اخشیج *кҳн.* 1. зид, мухолиф. 2. ҳар яке аз чор унсур.

**АХШЕҶОН** اخشیجان *ниг.* **чор (унсур)**.

**АҲАД** *а.* احد *кит.* як; воҳид; фард, нафар.

**АҲАДИЯТ** *а.* احدیت *кит.* ягонагӣ, беҳамтоӣ (*сифати Худо*).

**АҲАМ(М)** *а.* اهم *кит.* муҳимтар, зарууртар, муҳимтарин, заруртарин.

**АҲАМИЯТ** *а.* اهمیت муҳим будан, муҳим ва зарур шуморидани коре (чизе): **аҳамияти таърихӣ, аҳамияти иҷтимоӣ; аҳамият додан** эътибор додан, диққат кардан, таваҷҷӯҳ додан; **аҳамият доштан** ба эътибор соҳиб будан, муҳим будан; **аз аҳамият холӣ набудан** муҳим будан; манфиат доштан.

**АҲАМИЯТДОР** اهمیتدار *ниг.* **аҳамиятнок**.

**АҲАМИЯТНОК** اهمیتناک дорои аҳамият, соҳиби аҳамият, муҳим, эътиборнок.

**АҲАМИЯТНОКӢ** اهمیتناکی аҳамият доштан, эътиборнокӣ.

**АҲБОБ** *а.* احباب *ҷ.* **ҳабиб** (дӯстон, дӯстдорон).

**АҲВАЛ** *а.* احول *кит.* олус, чашмкаҷ, каҷбин, дубин.

**АҲВАР** *а.* احور *кит.* дорои чашми сиёҳранги зебо, сиёҳчашм, оҳучашм.

**АҲВАТ** *а.* احوط *кит.* баэҳтиёттар, эҳтиёткорона.

**АҲВОЛ** *а.* احوال *ҷ.* **ҳол**; ҳолат; вазъ, вазъият; чигунагии ҳол, чигунагии мизоҷ (беморӣ, тандурустӣ); **аҳволи бад** вазъияти ногувор; **аҳволи байналхалқӣ** вазъияти муносибатҳои байниҳамдигарии халқҳо; **аҳволи дарунӣ** вазъияти дохилӣ; **аҳволи рӯҳия** кайфияти рӯҳӣ, ҳолати рӯҳӣ; **аҳволи сиҳатӣ** вазъи тандурустӣ; **шарҳи аҳвол** баёни вазъият; баёни кору ҳаёти шахсе; **ҳолу аҳвол** вазъияту ҳолат; **арзи аҳвол кардан** вазъиятро маълум кардан, ҳолатро баён намудан; **аҳволи** *касе* **танг будан (шудан)** вазъияти касе душвор будан (шудан), вазъи касе бад будан (шудан); **аҳвол нағз шудан** вазъият беҳтар гардидан; **аҳвол пурсидан** ҳолу аҳволи касеро пурсон шудан, вазъи кори касеро пурсон шудан; **ба аҳволи** *касе* **хандидан** ҳолати касеро масхара кардан, ба вазъияти касе бо тамасхур нигоҳ кардан.

**АҲВОЛДОН** احوالدان донандаи аҳвол, ҳолдон.

**АҲВОЛПУРСӢ** احوال پرسی *исми феълӣ аз* **аҳвол пурсидан**; пурсидани аҳвол (-и якдигар), аз кору бор ва вазъияти зиндагӣ пурсон шудан, ҳолпурсӣ; **аҳволпурсӣ кардан** ҳоли якдигарро пурсидан, аз кору бору зиндагӣ пурсон шудан.

**АҲВОЛФАҲМӢ** احوال فهمی фаҳмидани аҳвол, донистани вазъият.

**АҲВОЛҶӮӢ** احوالجوئی *ниг.* **аҳволпурсӣ**.

**АҲД** *а.* عهد 1. паймон, шарт, қарордод, муоҳида; ваъда; **аҳду вафо** паймону садоқат; қавл додан ва дар қавли худ устувор будан; **аҳду паймон** қавлу ваъда; **аҳд бастан** паймон кардан; **аҳд кардан** қавл додан; **аҳду паймон бастан** қарордод кардан, шарту паймон кардан; **аҳду паймон кардан** шарту қарордод намудан; **аҳд шикастан** қарордод вайрон кардан; ваъдахилофӣ намудан; **ба аҳд пойдор будан** ба ваъда устувор будан; **ба аҳд вафо кардан** мувофиқи қарордод амал кардан, ба паймон ва ваъда устувор будан. 2. замон, давр; **аҳди сиғар** давраи хурдсолӣ, замони кӯдакӣ; **аҳди шабоб** айёми ҷавонӣ, давраи ҷавонӣ; **аҳди қадим** замони гузашта, давраи кӯҳна; **аҳди гул** фасли баҳор.

**АҲДАБ** *а.* احدب *кит.* кӯзапушт, букрӣ.

**АҲДБАНДӢ** عهدبندى *исми амал аз* **аҳд бастан**; паймонбандӣ.

**АҲДНОМА** عهدنامه шартнома, қарордод, паймоннома.

**АҲДОБ** *а.* اهداب *кит.* мижгон.

**АҲДОС** *а.* احداث 1. *ҷ.* **ҳадас** (чизҳои нав пайдошуда; ҳодисаҳои ногаҳонӣ...); **аҳдоси замона** ҳодисаҳои рӯзгор. 2. *таър.* маблағе, ки шаҳна ё миршаб барои нигоҳдорӣ ва посбонии бозор мегирифт.

**АҲДШИКАН** عهدشكن он ки аз аҳд рӯй тофтааст, он ки ба қавлу паймон вафо накардааст, паймоншикан.

**АҲДШИКАНӢ** عهدشكنى *исми амал аз* **аҳд шикастан**; ваъдахилофӣ.

**АҲДШИКАНОНА** عهدشكنانه аҳдро шикаста, қарордодро вайронкунон, паймоншиканона.

**АҲЁН** *а.* احيان *ҷ.* **ҳин** (вақтҳо, замон); **аҳён-аҳён** гоҳ-гоҳ, баъзан, аҳёнан.

**АҲЁНАН** *а.* احيانًا гоҳо, баъзе вақт, баъзан; иттифоқан.

**АҲКОМ** *а.* احكام *ҷ.* **ҳукм**; қоидаву қонунҳо; **аҳкоми дин** *ниг.* **аҳкоми шариат; аҳкоми салтанат** қоидаву қонунҳои подшоҳӣ, ҳукмҳои подшоҳӣ; **аҳкоми шариат** (*ё* **шаръ**) *д.* қонунҳои шариат, фармудаҳои шариат; ◊ **аҳкоми анҷум** *нуҷ.* хусусиятҳои гардиши ситораҳо (*аз рӯи илми нуҷуми қадим гӯё вазъияти ситорагон тақдир ва сарнавишти одамонро муайян мекардааст*).

**АҲЛ** *а.* اهل 1. зан, аёл; **аҳлу аёл** зану фарзандон, аъзои хонавода, ҳар яке аз афроди хонадон. 2. мардум, халқ; бошандагон, сокинон; **аҳли шаҳр** сокинони шаҳр. 3. лоиқ, сазовор, муносиб. 4. тифоқ, муттафиқ; **ёр аҳл аст, кор саҳл аст** (*зарб.*). 5. мансуб, мутааллиқ: **аҳли ҳар пеша; аҳли адаб (адабиёт)** адибон, нависандагону шоирон; **аҳли байт** зану фарзандон, аъзои оила, афроди хонавода; **аҳли басар//аҳли басират** дурандешон, одамони бофаросат, зирак, доно; **аҳли башорат** огоҳони ҳол, донандагони роз, маҳрамони асрор; **аҳли бедод** бедодгарон, золимон; **аҳли бидъат** эҷодкунанда ва тарафдорони унсуру қоидаҳои нав ва мухолифи дин; **аҳли вафо** вафодорон, соҳибони қавл; **аҳли ваҳдат** *д.* касоне, ки ба ягонагии Худо эътиқод доранд; аҳли тасаввуф, сӯфиён; **аҳли ғадр** хиёнатгарон, фиребгарон, маккорон; **аҳли давлат** а) давлатмандон, сарватдорон; б) арбоби давлат, ҳукуматдорон; **аҳли дарбор** дарбориён, одамони дарбор, мансубон ба дарбор; **аҳли дард** а) дардманд(он); б) *киноя аз* ошиқ(он); **аҳли дил** аҳли сидқу сафо; соҳибдил, ориф, донишманд; **аҳли завқ** соҳибони истеъдоди адабӣ, наққошӣ, мусиқӣ *ва г.;* **аҳли замона** муосирон, ҳамасрон, ҳамаҳдон; **аҳли иқтоъ** *таър.* ба иқтоъ ноилшудагон, касоне, ки подшоҳ ба онҳо ба таври инъом ва мукофот замин, деҳ ва ё мулке додаст; **аҳли илм** олимон, касоне, ки бо илм машғуланд; **аҳли имон** *д.* мӯъминон, диндорон; **аҳли иродат** мухлисон ва пайравони тариқат; **аҳли ирфон** а) орифон, донишмандон, хирадмандон, одамони бомаърифат; б) сӯфиён; **аҳли исён** шӯришгарон, одамони исёнбардошта; **аҳли калом** суханварон, адибон; **аҳли камол** ба камол расидагон, аҳли фазлу дониш; **аҳли карам** сахиён, ҷавонмардон, одамони босаховат, кушодадаст, олиҳиммат; **аҳли кимиё** а) кимиёгарҳо, ононе, ки бо илми кимиё машғуланд; б) *маҷ.* фиребгарон, ҳилагарон, маккорон; **аҳли китоб** *д.* яҳудиён, исавиён ва мусулмонон, ки дини ҳар кадом дорои китоби муқаддас («Таврот», «Инҷил», «Забур», «Қуръон») мебошад; **аҳли кор** кормандон, меҳнаткашон; кордон, аз кор огоҳ; **аҳли корвон** корвониён, сафаркунандагон бо корвон; **аҳли қалам** нависандагон, адибон; **аҳли қофила** корвониён, ҳамсафарон; **аҳли қубур**

мурдагон, даргузаштагон; **аҳли малоҳат** малеҳон, зебоён, хушрӯён, соҳибҷамолон; **аҳли маънӣ** соҳибони фаҳму фаросат, соҳибони маърифат; **аҳли маърифат** а) орифон, доноён, ҳакимон; б) сӯфиён; **аҳли меҳнат** аҳли кор, меҳнаткашон; **аҳли мурувват** ҷавонмардон, инсондӯстон; одамони олиҳиммат; **аҳли назар** мардумони бофаросат, одамони зирак; **аҳли ниёз** мӯҳтоҷон, эҳтиёҷмандон, бенавоён; **аҳли оила** аъзои хонавода, аъзои оила, аҳли байт; **аҳли олам** оламиён, ҷаҳониён; **аҳли пеша** ҳунармандон, косибон; **аҳли риё** риёкорон, қаллобон, одамони дурӯя, мунофиқ, сохтакор; **аҳли роз** маҳрамон, ҳамрозон, сирдонон; **аҳли рой** одамони донишманд, соҳибони ақлу тадбир; **аҳли савдо** савдогарон; машғулони кори савдо; **аҳли санъат** санъатварон, одамоне, ки бо санъат машғуланд; **аҳли сӯҳбат** мусоҳибон, ҳамсӯҳбатон; **аҳли тақво** порсоён, худотарсон, парҳезгорон; **аҳли тамиз** одамони оқил, доно, ҳушёр; **аҳли тараб** хушу хурсандикунандагон; вақтхушкунандагон; **аҳли тариқат** *д.* зоҳидон, сӯфиён; **аҳли хилват** гӯшанишинон, ибодаткунандагон; **аҳли хирад** оқилон, хирадмандон; **аҳли хок** мурдагон, даргузаштагон; **аҳли ҳасад** одамони бахил, бадрашк, нотавонбин; **аҳли ҳирфа** ҳунармандон, санъаткорон, пешаварон; **аҳли ҳунар** ҳунармандон; эҷодкорон; **аҳли ҷамъият** аъзои ҷомеа; омма, мардум; **аҳли ҷаҳон** ҷаҳониён, халқҳо; **аҳли яқин** а) одамони ҳақиқатшинос, хирадмандон, муҳаққиқон; б) *д.* порсоён, сӯфиён.

**АҲЛИЯТ** *а.* اهلیت *кит.* 1. лаёқат, истеъдод. 2. шоистагӣ, сазоворӣ, арзандагӣ.

**АҲЛӢ** اهلی *кит.* унсгирифта, одаткарда; ромшуда, хонагӣ.

**АҲЛОНА** اهلانه муттафиқ; муттафиқона, бо тифоқӣ; **меҳнати аҳлона** кори муттафиқона.

**АҲМАҚ** *а.* احمق аблаҳ, нодон, гӯл, бефаҳм, беақл; **аҳмақ кардан** *касеро* фиреб додан, гӯл кардан; **аҳмақ шудан** фиреб хӯрдан, фирефта шудан.

**АҲМАҚӢ** احمقی аблаҳӣ, ҳамоқат; **аҳмақӣ кардан** аблаҳӣ кардан, гӯлӣ намудан.

**АҲМАҚНАМО** احمق نما мисли аҳмақ, мушобеҳ ба аблаҳ.

**АҲМАҚОНА** احمقانه 1. шабеҳи аҳмақ, аҳмақвор, аблаҳона. 2. бемаъниёна; **кори аҳмақона** амалу рафтори аблаҳона; **ҳаракатҳои аҳмақона** рафтори беҷо ва бемаънӣ.

**АҲМАҚФИРЕБ** احمق فریب фиребандаи аҳмақ; он чи ба аблаҳ мақбул аст.

**АҲМАР** *а.* احمر сурх, сурхранг; **гули аҳмар** гули сурх; **ёқути аҳмар** ёқути сурх; **ливои аҳмар** байрақи сурх; **лолаи аҳмар** лолаи сурх.

**АҲОДИС** *а.* احادیث *ҷ.* **ҳадис**.

**АҲОЛИНИШИН** اهالی‌نشین маскан, ҷои истиқомати аҳолӣ, мардумнишин: **маркази аҳолинишин**.

**АҲОЛӢ** *а.* اهالی 1. *ҷ.* **аҳл**. 2. бошандагон, сокинони деҳа, шаҳр ё вилоят; **аҳолии меҳнатӣ** мардуми меҳнаткаш, одамони заҳматкаш; **аҳолии одӣ** мардуми одӣ, авом.

**АҲОР** اهار *ниг.* **оҳор**.

**АҲРАМАН** اهرمن *ниг.* **аҳриман**.

**АҲРЕМАН** اهریمن *ниг.* **аҳриман**.

**АҲРИМАН** اهریمن 1. қувва ва рӯҳи бадӣ дар дини зардуштӣ. 2. дев, шайтон, ҷин.

**АҲРОМ** *а.* اهرام *ҷ.* **ҳарам**; шакл ё қисми бисёррӯя, ки қисми поёнии он сегӯша буда, рӯйҳои секунҷаи паҳлуиаш як қуллаи умумӣ дорад; **аҳроми Миср** мақбараҳои бузурги сангини фиръавнҳои Мисри қадим, ки ба мисли аҳром махрутшакланд.

**АҲРОММОНАНД** اهرام‌مانند аҳромшакл, аҳромнамуд: **қуллаҳои аҳроммонанд**.

**АҲРОМШАКЛ** اهرام‌شکل *ниг.* **аҳроммонанд**.

**АҲРОР** *а.* احرار *ҷ.* **ҳурр** (озодон, озодихоҳон).

**АҲСАН** *а.* احسن 1. беҳтар, аълотар; **ба ваҷҳи аҳсан** *ниг.* **ваҷҳ**. 2. *нидо* таҳсин, офарин; **аҳсан гуфтан // аҳсан хондан** офарин гуфтан, таҳсин кардан.

**АҲСАНТ** *а.* احسنت *ниг.* **аҳсан** 2.

**АҲУРОМАЗДО** اهورا مذدا дар дини зардуштӣ, ҳамчун худои қувваҳои некӣ ва рӯшноӣ парастиш мекарданд, Ҳурмуз.

**АҶАБ** *а.* عجب 1. он чи сабаби ҳайронӣ мешавад, ҳайратовар, ҳайратангез, тааҷҷубовар, шигифтовар. 2. *нидои ҳайрату тааҷҷуб* воаҷабо, аҷабо, тааҷҷубовар аст, ки…; **чӣ аҷаб!** чӣ ҷои тааҷҷуб!; **эй аҷаб** аҷабо, тааҷҷубовар аст, ки…; **аҷаб доштан** ҳайрон будан, дар тааҷҷуб будан; **аҷаб кардан** а) тааҷҷуб намудан, ҳайрон шудан; б) *маҷ.* кори хуб кардан; **дар аҷаб мондан** ҳайрон шудан, мутаҳаййир гаштан; **дар аҷаб шудан** ҳайрон шудан, тааҷҷуб кардан; **аҷаб не // аҷаб нест, ки…** эҳтимол, шояд, аз эҳтимол дур нест, ки…, мумкин аст, ки …

**АҶАБО** عجبا *нидои ҳайрату тааҷҷуб* ҳайратовар аст, ки…, ҳайратангез аст, ки…, тааҷҷубовар аст, ки…

**АҶАЛ** I *а.* اجل 1. *кит.* муддат, мӯҳлат; вақт, ҳангом. 2. ба охир расидани умр, марг; **дард дигар, аҷал дигар** (*зарб.*); **аҷали муаллақ** марги ногаҳонӣ; **аҷал расидан** умр ба интиҳо расидан, марг наздик шудан; **агар аҷал амон диҳад** зиндагиву саломатӣ бошад, агар намурам…; **аз дасти аҷал халос кардан** аз марг раҳо додан, аз марг вораҳонидан; **ба чанголи аҷал афтидан** ба марг дучор шудан, ба мурдан расидан; **бе аҷал куштан** пеш аз вақт куштан, бе марги табиӣ нобуд кардан; **бо аҷали худ мурдан** бо марги табиӣ мурдан; **тухми аҷал коштан** ҳамаро ба ҳалокат расонидан, қир кардан.

**АҶАЛ** II**//АҶАЛЛ** *а.* اجل *кит.* ҷалилтар, боҷалолтар, бузургвортар.

**АҶАЛА** *а.* عجله *кит.* шитоб, таъҷил; **бо аҷала** шитобон, саросемавор, шитобкорона.

**АҶАЛГИЁҲ** اجل‌گیاه *бот.* як оилаи гиёҳҳои бисёрсолаи доруӣ ва ороишии заҳрнок, ки решаи картошкамонанд дорад, аконит.

**АҶАЛРАСИДА** اجل‌رسیده он ки марги ӯ наздик шуда бошад.

**АҶАМ** I *а.* عجم *кит.* ҷангал, беша.

**АҶАМ** II *а.* عجم 1. мардуми ғайриараб; қавми форсу тоҷикзабон. 2. сарзамини форсу тоҷикзабонон. 3. *мус.* яке аз оҳангҳои мақоми панҷуми «Шашмақом» – «Сегоҳ», ки бо номҳои «Наврӯзи Аҷам» ва «Баёти Аҷам» машҳур аст.

**АҶАМИНАЖОД** عجمی‌نژاد аз нажоди ғайриараб – форсу тоҷик; эрониасл.

**АҶАМӢ** عجمی *мансуб ба* **аҷам** II; аҷамнажод, эрониасл.

**АҶДОД** *а.* اجداد *ҷ.* **ҷадд** (бобоён, ниёгон, гузаштагон); **бобову аҷдод** гузаштагон.

**АҶДОДӢ** اجدادی *мансуб ба* **аҷдод**; авлодӣ, наслӣ.

**АҶЗ** *а.* عجز нотавонӣ, оҷизӣ, заъф, сустӣ; **аҷзу нотавонӣ** заифиву сустӣ, оҷизӣ; **аҷзу ниёз** нотавонию мӯҳтоҷӣ.

**АҶЗО** *а.* اجزا *ҷ.* **ҷузъ**; қисмҳои таркибии чизе; воҳидҳои ҷудогонаи чизҳои муайян, ки воҳиди куллро ташкил мекунанд.

**АҶИБ** *а.*عجیب тааҷҷубовар, ҳайратовар, ҳайратангез, аҷаб, ғалатӣ; **аҷибу ғариб** ҳайратовар, тааҷҷубовар; ғалатӣ; **аҷиб будан** тааҷҷубовар будан, ҳайратангез будан; ғалатӣ будан.

**АҶИБТАБИАТ** عجیب‌طبیعت соҳиби табиати аҷиб, аҷоибхислат: **одами аҷибтабиат**.

**АҶИБУЛАХЛОҚ** *а.* عجیب الاخلاق дорои хулқ ва атвору рафтори ғайриодӣ.

**АҶИНА** اجینه мувофиқи ақидаи хурофотии кӯҳна қувваи ғайритабии нонамоён, ки ба мардум зарар расониданаш мумкин будааст, ҷин; **аҷина задан (асар кардан)** аҷина осеб расондан (*ақидаи хурофӣ*).

**АҶИНАБОДАК** اجینه‌بادک *гуфт.* гирдбоди хурд, ки бо печутоб боло мебарояд; *муқ.* **девбод**.

**АҶИНАЗАДА** اجینه زده беморе, ки гӯё ба вай аҷина асар кардааст; ҷиннӣ.

**АҶИНАХОНА** اجینه‌خانه ҷое, ки гӯё макони аҷинаҳо аст.

**АҶИР** *а.* اجیر *кит.* коргари дастмуздгир, муздур; **аҷир кардан** ба муздурӣ гирифтан; рӯзмузд ба кор гирифтан.

**АҶИРИҚ** اجیرق *бот.* алафи худрӯи паҳн, ки аз решаи хазандааш зиёд шуда меравад; ◊ **аз тухми аҷириқ ҳам бисёр** хеле зиёд, ниҳоят бисёр.

**АҶИРИҚЗОР** اجیرقزار ҷое, ки аҷириқ бисёр

рӯидааст, ҷои пур аз аҷириқ: **замини аҷириқзор**.

**АҶНАБӢ** اجنبی бегона, хориҷӣ.

**АҶНОС** *а.* اجناس 1. *ҷ.* **ҷинс** (хелҳо, навъҳо). 2. мол, матоъ, чизҳои фурӯхташаванда.

**АҶОБАТ** عجابت 1. аҷибӣ, ҳайратоварӣ, шигифтӣ; ҷои тааҷҷуб. 2. ғайриодӣ будан, ғайримуқаррарӣ будани ягон кор ё воқеа; **аҷобат доштан** а) тааҷҷубовар будан; б) ғайриодӣ намудан, ғайримуқаррарӣ будан.

**АҶОБАТАНГЕЗ** عجابت‌انگیز ҳайратангез, тааҷҷубовар, шигифтангез.

**АҶОИБ** *а.* عجائب 1. аҷиб, ҳайратовар, аҷибу ғариб. 2. диққатҷалбкунанда, шавқовар; **аҷоибу ғароиб** аҷибу ғариб, тааҷҷубовар, шигифтовар.

**АҶОИБЛИБОС** عجائب‌لباس либосаш аҷоиб, ғайриодӣ.

**АҶОИБОТ** *а.* عجائبات *ҷ.* **аҷоиб**; чизҳои аҷибу ғариб ва ғайриодӣ, чизҳои ҳайратовар; **аҷоиботу ғароибот** аҷибу ғарибҳо, чизҳои ҳайратовар.

**АҶОИБУЛМАХЛУҚОТ** *а.* اجائب المخلوقات махлуқҳои ғайриодӣ, махлуқоти аъҷуба; «**Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот**» номи чанде аз асарҳои ба аҷоиботу ғароиботи олам бахшидаи олимону сайёҳони форсу тоҷик (асрҳои 12-13).

**АҶОИБХИЛҚАТ** عجائب‌خلقت ба тарзи аҷоиб офаридашуда; аҷоибсохт.

**АҶОИБХИСЛАТ** عجائب خصلت дорои хислати аҷиб, соҳиби хусусияти аҷоиб.

**АҶОИБХОНА** عجائب خانه 1. хонае, ки дар он чизҳои аҷоиб намоиш дода мешавад, намоишгоҳи чизҳои аҷоиб. 2. *кӯн.* осорхона, музей.

**АҶОИБШАКЛ** عجائب‌شکل аз ҷиҳати намуд аҷибу ҳайратовар.

**АҶОЛАТ** *а.* عجالت шитобкорона, саросемагӣ; **бо аҷолат рафтан** саросема рафтан, шитобон рафтан.

**АҶОНИБ** *а.* اجانب *ҷ.* **аҷнабӣ**.

**АҶР** *а.* اجر *кит.* подош, музд, мукофот.

**АҶРИҚ** اجریق *ниг.* **аҷириқ**.

**АҶРОМ** *а.* اجرام *ҷ.* **ҷирм**; **аҷроми осмонӣ** ситораҳо.

**АҶСОД** *а.* اجساد *ҷ.* **ҷасад**.

**АҶСОМ** *а.* اجسام *ҷ.* **ҷисм**; **аҷсоми майита** ҷисмҳои беҷон.

**АҶУЗ//АҶУЗА** *а.* عجوز//عجوزه 1. пиру фартут; пиразан, кампир. 2. духтар; ◊ **аҷузи фартут** дунёи кӯҳна.

**АҶУЗКАМПИР** عجوزکمپیر 1. зани пир, пиразан. 2. *гуфт.* номи нӯҳ рӯзи охир аз хунуктарин рӯзҳои зимистон; *муқ.* **айёми аҷуз**.

**АҶУЛ** *а.* عجول *кит.* шитобкор, шитобанда, саросема.

**АҶУЛӢ** عجولی *кит.* шитобкорӣ, саросемагӣ.

**АҶУЛОНА** عجولانه *кит.* шитобкорона, бо аҷала, бо саросемагӣ.

**АШАДД** *а.* اشد *кит.* шадидтар, сахттар.

**АШАДДӢ** اشدّی :**душмани ашаддӣ** душмани бадтарин, душмани қаттол ва хавфнок; **мухлиси ашаддӣ** мухлиси гузаро, аз ҳад зиёд дӯстдорандаи чизе: **мухлиси ашаддии шоҳмот**.

**АШАН** I اشن *кӯн.* ҷомаи чаппагардон.

**АШАН** II اشن *кӯн.* хом; харбузаи хом.

**АШАҚА** *а.* اشقه *кит., ниг.* **ошиқпечон**.

**АШҒОЛ** *а.* اشغال *ҷ.* **шуғл**; кору бор; гирифториҳо.

**АШЁ** *а.* (ء)اشیا *ҷ.* **шайъ** (чизҳо, чизу чора); **ашёи нодир** чизҳои ноёб, чизу чораи камёб; **ашёи хом** масолеҳи барои саноат зарур, чизҳои дар саноат кор кардашаванда; **амволу ашё, анҷому ашё, асбобу ашё**, **молу ашё** молу матоъ, чизу чора.

**АШЁЪ** *а.* اشیاع *ҷ.* **шиа**.

**АШИР** *а.* عشیر *кит.* даҳяк; **ушри ашир** садяк.

**АШИРА(Т)** *а.* عشیر//عشیرت *кит.* 1. хешу табор.

2. тоифа, қабила; қавм.

**АШК** I اشک 1. обе, ки аз гиря ва бо таъсири ҳиссиёти ҷисмӣ ё рӯҳӣ аз чашм фурӯ мерезад, сиришк, оби дида; қатраи оби чашм. 2. гиря; **ашки кабоб** қатраҳое, ки вақти пухтани кабоб ба рӯи оташ мечаканд; **ашки меғ** (*ё* **саҳоб)** *киноя аз* борон; борон; **ашки гарм** *ниг.* **ашки сӯзон; ашки лолагун** *ниг.* **ашки хунин; ашки равон** оби дидаи ҷорӣ, сиришки қатор; **ашки сӯзон, ашки талх, ашки хунин** гиряи ҷонсӯз, гиряи ғаму андӯҳ; **ашки шашқатор** рехтани ашки бисёр; **ашки шодӣ** гиря аз хурсандӣ; **ашки ятим** қатраҳои калон-калони оби чашм; **ашки ҳасрат** гиря аз ғаму андӯҳ; **донаҳои ашк** қатраҳои оби дида; **сели ашк** бисёрии оби чашм; **аз ашк доман пур шудан** *киноя аз* бисёр гиристан; **ашк боридан** гиря кардан; **ашк фишондан** ашк рехтан, гиря кардан; **ашки шодиёна рехтан** аз хурсандӣ гиристан; **ашк чарх задан//ашк ҳалқа задан** донаҳои ашк пайдо шудан (*дар чашм*); **ашк рехтан** гиря кардан; ◊ **ашки суроҳӣ, ашки ток** шароб, май.

**АШК** II اشک 1. чаҳор дандони калон, ки дутоӣ дар болою поини даҳони инсон дар байни дандонҳои пеш ва курсӣ воқеанд, дандони неш, анёб: **дандони ашк**. 2. ду дандони калон аз боло, ки дар баъзе ҳайвонҳо аз даҳон баромада меистад (*мас., дандони фил*).

**АШКАФШОН** اشکافشان *ниг.* **ашкфишон**.

**АШКАФШОНӢ** اشکافشانی *ниг.* **ашкфишонӣ**.

**АШКБОР** اشکبار ашкрез, ашкфишон, гирён: **дидаи ашкбор, чашми ашкбор**.

**АШКБОРӢ** اشکباری *исми амал аз* **ашк боридан**; ашкрезӣ.

**АШКОВАР** اشکآور боиси рехтани ашк, ашковаранда: **гази ашковар**.

**АШКОЛ** اشکال *ҷ.* **шакл; ашколи ҳандасӣ** шаклҳое, ки дар бораи онҳо баҳс мекунанд.

**АШКОЛУД** اشکالود тар аз ашк, пурашк, ашкдор, ашкбор: **дидагони (чашмони) ашколуд**.

**АШКОНИЁН** اشکانیان *таър.* номи сулолаи подшоҳоне, ки дар Порт байни солҳои 250 то мелод - 224 мелод ҳукмронӣ кардаанд.

**АШКПАЙМО** اشک پیما *ниг.* **ашкбор**.

**АШКПОЛО** اشکپالا ашколуд; ашкрезон.

**АШКРЕЗ** اشکریز ашкбор, гирён: **дидаи ашкрез**.

**АШКРЕЗӢ** اشکریزی *исми амал аз* **ашк рехтан**, ашкфишонӣ; гиря.

**АШКРЕЗОН** اشکریزان *феъли ҳол аз* **ашк рехтан**; дар ҳолати ашк рехтан, гирён.

**АШКӮБ** اشکوب *кҳн.* 1. сақфи хона. 2. ошёна, табақа, қабат.

**АШКФИШОН** اشکفشان ашкбор; ашкрезон, гирён.

**АШКФИШОНӢ** اشک فشانی *исми амал* аз **ашк фишондан**; ашкрезӣ.

**АШҚАР** *а.* اشقر 1. *кит.* сурхи ба зардӣ моил (*дар бораи асп*). 2. *кит.* асп; **ашқари бодпой** аспи тезрав. 3. *лаҳҷ.* қаддароз, қоматбаланд.

**АШНА** اشنه *ниг.* **ушна**.

**АШОИР** *а.* عشایر *ҷ.* **ашира(т)**.

**АШРАФ** *а.* اشرف *кит.* шарифтар, бузургвортар; шарифтарин; муборактарин; ◊ **ашрафи махлуқот** инсон, одам.

**АШРАФӢ** اشرفی 1. *мансуб ба* **ашраф**. 2. *таър.* пули тилло, ки асрҳои XVII-XIX дар аморати Бухоро роиҷ буд.

**АШРОР** *а.* اشرار *ҷ.* **шарир** (бадон, бадкорон).

**АШРОФ** *а.* اشراف *ҷ.* **шариф**; аъён, амалдорону мансабдорон; **ашроф ва аъён (кибор)** калонҳо, бузургон, соҳибони ҷоҳу мансаб.

**АШРОФЗОДА** اشرافزاده бузургзода, фарзанди шахси калоншаванда.

**АШРОФОНА** اشرافانه монанди ашроф, ашрофвор; **зиндагии ашрофона** ҳаёти бодабдаба.

**АШТАҚ** *т.* اشتق зардолуи хушконидае, ки ба дарунаш мағзи донак ҷо карда шудааст.

**АШТАҚӢ** اشتقی навъе аз зардолу, ки аз он аштақ тайёр мекунанд.

**АШӮЛА** *т.* اشوله суруд, тарона: **ашӯлаи ошиқона, ашӯла хондан (гуфтан)**.

**АШӮЛАГӮӢ** اشوله‌گوئی *исми амал аз* **ашӯла гуфтан**; сурудхонӣ, таронагӯӣ.

**АШӮЛАХОН** اشوله‌خوان сурудхон, сароянда, ҳофиз.

**АШӮЛАХОНӢ** اشوله‌خوانی *исми амал аз* **ашӯла хондан**; сурудхонӣ, сурудгӯӣ.

**АШӮЛАЧӢ** اشوله‌چی *гуфт., ниг.* **ашӯлахон**.

**АШХОС** *а.* اشخاص *ҷ.* **шахс**; **ашхоси бузург** одамони бузург ва машҳур.

**АШҲАБ** *а.* اشهب *кит.* 1. сиёҳу сафед; хокистарӣ, хокистарранг. 2. аспи хокистарранг, хинг.

**АШҲАЛ** *а.* اشهل *кит.* марди мешчашм; *муқ.* **шаҳло**.

**АШҲАР** *а.* اشهر *кит.* шаҳиртар, машҳуртар; хеле маъруф.

**АШҶОР** *а.* اشجار *ҷ.* **шаҷар** (дарахтҳо).

**АШШОР** *а.* اشّار *таър.* ғункунандаи андозҳо; даҳякгир.

**АШЪОР** اشعار *ҷ.* **шеър; ашъори латиф** шеърҳои тару тоза; шеърҳои дилчасп; **ашъори обдор** шеърҳои латиф, шеърҳои фасеҳу равон; **ашъори ошиқона** шеърҳои лирикӣ; **ашъори рангин** шеърҳои боობу ранг, назми санъаткорона; **ашъори ҳазин** шеърҳои ғамангез; **ашъор сароидан // ашъор сурудан** а) шеър гуфтан; б) шеърро бо оҳанг хондан.

**АЪВАР** *а.* اعور *кит.* одами якчашма.

**АЪВОН** *а.* اعوان 1. *ҷ.* **авн** (ёриҳо, мададҳо). 2. мададгорон, ёридиҳандагон.

**АЪДО** *а.* اعدا *ҷ.* **адӯ**.

**АЪДОД** *а.* اعداد *ҷ.* **адад**.

**АЪЁН** *а.* اعیان бузургон, ашроф; **аъёну ашроф** бузургон, саркардагон.

**АЪЗАМ** *а.* اعظم *кит.* азимтар, калонтар, бузургтар; **вазири аъзам//садри аъзам** сарвазир.

**АЪЗО** *а.* اعضا *ҷ.* **узв**. 1. узвҳои тани одам, қисмҳои бадан; **аъзои бадан** узвҳои тан, узвҳои бадан. 2. узви ягон гурӯҳ, созмон, ҳайат ва ҳар як фарди ин гурӯҳ, созмон, ҳайат *ва г.* (*ба ин маъно, яъне исми танҳо истифода шудани исми ҷомеи* **аъзо** *ғалати ом аст*): **аъзои комиссия; аъзои оила** ҳар яке аз афроди хонавода; узвҳои хонавода; **аъзо шудан дар ягон созмон** узви созмоне гардидан; ◊ **аъзои ҷумла** *грам.* калимаҳои мустақилмаъно ё ибораҳои ҷумла: **аъзои пайрави ҷумла**.

**АЪЛАМ** *а.* اعلم *кит.* 1. олимтар, донишмандтар; олими калон: **аъламии уламо**. 2. *таър.* дар аморати Бухоро мансаби расмие буд, ки ба калонтарини муллоҳо дода мешуд ва ӯ масъалаҳои низоъноки диниеро, ки дар байни муллоҳо рӯй медод, ҳал мекард; **валлоҳу аълам** *д.* Худо медонад (*ибораест, ки вақти шакку тардид гуфта мешавад*).

**АЪЛАМӢ** اعلمی *мансуб ба* **аълам: мансаби аъламӣ**.

**АЪЛО** *а.* اعلا//اعلی 1. баландтар, бартар, болотар. 2. хеле хуб, бисёр хуб; беҳтар аз чизҳои дигар, баландсифат, хубтар, нафис; олӣ; **замини аъло, матои аъло**. 3. баҳои баландтарин барои дониши мактабиён, ки ифодаи рақамии он дар кишвари мо «панҷ» аст: **мактабро бо баҳои аъло тамом кардан, баҳои аъло гирифтан аз фанне; навъи аъло** навъи олӣ, навъи хеле баландсифат; **хеле аъло** бисёр нағз, ба дараҷаи хеле баланд; **ҳосили аъло** ҳосили баланд; **ба авҷи аъло расидан (баромадан)** хеле баланд шудан, хеле авҷ гирифтан; **ба арши аъло баровардан** хеле баланд бардоштан; дар таърифи чизе бисёр муболиға кардан.

**АЪЛОДАРАҶА** اعلیدرجه дараҷааш аъло, соҳиби дараҷаи аъло; хубтарин, беҳтарин.

**АЪЛОСИФАТ** اعلیصفت дорои сифати аъло, баландсифат; навъи беҳтарини чизе.

**АЪЛОМ** اعلام *ҷ.* **алам** (байрақҳо, парчамҳо).

**АЪЛОХОН** اعلیخوان талаба ё донишҷӯе, ки аз ҳама фанҳо баҳои «аъло» (5) мегирад, аълочӣ.

**АЪЛОХОНӢ** اعلیخوانی бо баҳои аъло хондан, аълохон будан.

**АЪЛОҲАЗРАТ** اعلیحضرت *таър.* ҷаноби олӣ, (*калимаи ҳурмат, ки пеш аз номи одамони олимансаб, хусусан, подшоҳон, гуфта мешавад*).

**АЪЛОЧӢ** اعليچی 1. *ниг.* **аълохон**: **аълочиёни хониш**. 2. коркуне, ки вазифаи худро ба таври аълову ба ваҷҳи аҳсан иҷро мекунад, пешқадам; **аълочии маорифи Тоҷикистон** нишони сарисинагӣ, ки коркуни беҳтарини мактабҳо ва муассисаҳои дигари соҳаи маорифу илм бо он мукофотонида мешавад.

**АЪМАШ** *а.* اعمش *кит.* он ки ба сабаби бемориӣ об аз чашмаш мерезад.

**АЪМО** *а.* اعمی *кит.* кӯр, нобино; **чашми аъмо** чашми нобино.

**АЪМОҚ** *а.* اعماق *ҷ.* **умқ** (чуқуриҳо); **аъмоқи замин** қабатҳои чуқури замин.

**АЪМОЛ** *а.* اعمال *ҷ.* **амал** (корҳо, кардаҳо, кирдорҳо); **аъмоли зиддиқонунӣ** корҳои хилофи қонун; **номаи аъмол** *д.* китоби кирдору рафтори мусулмон дар назди Худованд; **гӯри худ, аъмоли худ//ҳар касу гӯру аъмолаш** (*мақ.*) ҳарчи мешавад, аз кори худаш мешавад, ҳар кас мувофиқи кардаи худ ҷазо мебинад.

**АЪРОБ** *а.* اعراب *ҷ.* **аъробӣ**.

**АЪРОБӢ** اعرابی *кит.* араби бодиянишин.

**АЪРОФ** *а.* اعراف *д.* маҳаллаи байни биҳишту дӯзах, мавзеи миёни биҳишту дузах.

**АЪСОБ** *а.* اعصاب *ҷ.* **асаб**.

**АЪҶУБА** *а.* اعجوبه [*аслаш* **ӯъҷуба]** он чи ё он ки одамро ба тааҷҷуб меоварад; фавқулода, аҷоиб, ниҳоят аҷиб, бисёр ҳайратовар: **махлуқи аъҷуба**.

**АЪШОР** *а.* اعشار *ҷ.* **ушр** (даҳякҳо).

**АЪШОРӢ** اعشاری *мансуб ба* **аъшор; касри аъшорӣ** *риёз.* касри даҳӣ, касри даҳ-даҳӣ.

**АЭРОДИНАМИКА** *лот.* ائرادینمیکه илми ҳаракати ҳаво ва газҳои дигар ва таъсири онҳо ба чизҳои муқобилаткунанда.

**АЭРОДРОМ** *ю.* ائرادرام *ҳ.* майдони нишаст ва парвози ҳавопаймо ва чархбол, фурудгоҳи муваққатӣ.

**АЭРОЗОЛ** *ю.* ائرازال заррачаҳои моеъ, ки дар газ пароканда шудаанд ё заррачаҳои сахт, ки дар таркиби дуд мавҷуданд.

**АЭРОНАВИГАТСИЯ** *ю.* ائرانویگتسیه илмест, ки ба воситаи асбобҳои махсус (*харита, радио ва г.*) муайян намудани роҳи парвози ҳавопаймоҳоро меомӯзад.

**АЭРОНАВТИКА** *ю.* ائرانوتیکه назария ва амалияи ба воситаҳои дастгоҳҳои асосан аз ҳаво сабук ҳаракат кардан дар ҳаво; *ниг.* **ҳавонавардӣ**.

**АЭРОПЛАН** *ю.* ائراپلن *кҳн.* **ҳавопаймо**.

**АЭРОПОРТ** *ю.* ائراپارت *ниг.* **фурудгоҳ**.

**АЭРОСТАТ** *ю.* ائراستت дастгоҳи парвоз, ки бо қувваи болокаши гази дар ҷилди он ҷо кардашуда баланд мешавад: **аэростати идоранашаванда** (*дирижабл*), **аэростати идорашаванда** (*мас., аэростати аргамчинбанд, балони ҳавоӣ, кураи ҳавоӣ*).

# Б

**Б** *ҳарфи дувуми алифбои ҳозираи тоҷикӣ; дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ* ҳарфи бо, бе (ب); *дар ҳисоби абҷад ба адади 2 баробар аст; дар рақамбандии дарсҳои мактабӣ ва донишҷӯӣ намояндаи мартабаи дуюм аст*: 1 «б», 2 «б» *ва г.*; *дар гурӯҳбандии мавзӯъҳо ба ҷои шумораи 2 меоянд*: **а)** *ва* **б)**.

**БА** به *пешоянд* 1. самти равона шудани амалро мефаҳмонад: **ба боло, ба поён, ба хона; ба пеши**… дар назди…, дар наздикии…: **ба пеши бародараш рафт**; **ба сари**… а) ба сӯи… ба тарафи…: **ба сари ҷӯй рафт;** б) ба болои…: **офтоб ба сари девор афтод**. 2. нисбат доштани чизеро бо чизе нишон медиҳад: **ин гап ба ӯ сахт расид**. 3. ба дохили чизе равона шудани амалро мефаҳмонад: **ба хона даромад**. 4. ба ҷое ё чизе рафта расидан ва бархӯрдани чизеро мефаҳмонад: **қатраҳои борон ба рӯяш зад; овозе ба гӯш расид; баландии он ба сад метр мерасад**. 5. ба сабаби…., бо мақсади…, барои…: **ман ба гуфтани ин гап омадам; ба хидмат омода шуд**. 6. ба дараҷаи…, ба ҳолати…, то ҳадди…; **куртааш ба даридан расидааст**. 7. *дар таркиби пайвандакҳои таркибии тобеъкунандаи миқдор ва дараҷа, тарзи амал ва хилофӣ меоянд*: **ба андозае ки**…, **ба ҳадде ки…, ба қадре ки…, ба ҷои он ки**…; **ба тарзи… // ба тариқи… // ба таври…, ҳамчун, чун**. 8. мувофиқи… мутобиқи…; баробари…, мисли…, монанди… 9. бо: **ба овози баланд гуфт, ба пои худ баромад…; ба мурури замон**… бо гузашти замон; **ба воситаи…** тавассути…; **ба туфайли…, ба сабаби**… 10. баробари…, бо баробари… 11. аз рӯи…, бино ба…, мутобиқи…: **ба гуфти директори мактаб**… 12. дар: **ин гап ба ёдам омадааст**. 13. баҳри…, барои… 14. *бо чанде аз калимаҳо омада, зарфҳои таркибӣ месозад*: **ба зудӣ // ба тезӣ** дар андак вақт, бе даранг; ба таври оҷил, фавран; **ба зӯрӣ** зӯран, маҷбуран; **ба осонӣ** бидуни сарфи қувваи зиёд, душворӣ накашида, ба суҳулат, осон; **ба хубӣ** а) хуб, нағз: **рӯзгораш ба хубӣ мегузашт**; б) равшан, аниқ; в) *маҷ.* ба нағзӣ, бе сухани зиёдатӣ, бо маслиҳат. 15. *аз такрори баъзе калимаҳо таркибҳои зарфӣ месозад*: **дам ба дам** *ниг.* **дам**; **ранг ба ранг** *ниг.* **ранг**; **рӯ ба рӯ** *ниг.* **рӯ**; **сар ба сар** *ниг.* **сар; ба муносибати**… бо фаро расидани…, бо; **ба сабаби**… дар натиҷаи…, бино бар…; **ба ғайр аз** ғайри…, ҷуз, ба истиснои…; **нисбат ба** назар ба (*дар мавриди муқоиса*); **ба ном** расман, зоҳиран; **ба пеш!** амр барои пеш рафтан ва ҳуҷум; **ба саломат** солиман, солиму сиҳҳат; **ба ҳар ҳол** дар ҳар сурат, чи тавре ки набошад; **ба чашм** дар мавриди бо майлу рағбати том итоат кардан ба амр ё пазируфтани пешниҳоди касе истифода мебаранд; **ба ҷон** бо камоли майлу рағбат; **ба як бор** якбора, аз сидқи дил, дафъатан; **ба ҳам дидан** *чизеро* ба таври шарикӣ ва якҷоя истифода кардан аз чизе; **ба ҳам омадан** а) рӯй додан, ба амал омадан; б) гӯшт гирифтан, беҳ шудан (-и ҷароҳат); **ба ҷо мондан** боқӣ мондан; **ба ҷо овардан** иҷро кардан, анҷом додан (*вазифа, хизмат, супоришу фармон, ваъдаву илтимос, иззату эҳтиром, расму одат ва г. -ро*).

**БААМД** بعمد амдан, қасдан.

**БААҚЛ** بعقل *ниг.* **боақл**.

**БААҚЛӢ** بعقلی *ниг.* **боақлӣ**.

**БААНДЕША** باندیشه *ниг.* **боандеша**.

**БААНДЕШАГӢ** باندیشگی *ниг.* **боандешагӣ**.

**БААНДОМ** باندام хушандом, базеб, хубсурат, хушқадду баст.

**БАБАРАКАТ** ببرکت *ниг.* **бобарака(т)**.

**БАБАРАКАТӢ** ببرکتی *ниг.* **бобаракатӣ**.

**БАБАРДОШТ** ببرداشت бақувват, бадошт, пурбардошт.

**БАБР** ببر *зоол.* ҳайвони дарандаи гуштхӯр аз ҷинси гурбаҳо, ки болои пӯсташ наворҳои сиёҳранг дорад ва шабеҳи паланг аст.

**БАБРАФКАН** ببرافکن *маҷ.* зӯр, боқувват, қавӣ.

**БАВВОБ** *а.* بوّاب *кит.* дарбон, ҳоҷиб, қаровули қаср, дарвозабон, нигаҳбон.

**БАВВОБӢ** بوّابی дарбонӣ, қаровулӣ, нигаҳбонӣ, амал ва шуғли баввоб.

**БАВЕЖА//БАВИЖА** بویژه махсусан, хусусан, алалхусус, билхосса.

**БАВИҶДОН** بوجدان *ниг.* **бовиҷдон**.

**БАВИШ** بوش *кҳн.* қазову қадар, қисмати азалӣ.

**БАВЛ** *а.* بول пешоб, мезак.

**БАВЛИДАН** بولیدن пешоб кардан, шошидан, мезидан.

**БАВН** *а.* بون *кит., кҳн.* 1. ҳисса, баҳра; **аз бавни…** аз баҳри… 2. ҷудоӣ, фосила, дурӣ (*байни ду чиз*).

**БАВОДӢ** *а.* بوادی *ҷ.* **бодия**.

**БАВОР** *а.* بوار *кит.* 1. нестӣ, нобудӣ, ҳалокат. 2. вайронӣ, харобӣ, талаф, марг.

**БАВОРИД** *а.* بوارد 1. сардкунанда, чизҳое, ки сардӣ эҷод мекунанд, монанди туршиҷот. 2. *маҷ.* нописанд, номатбӯъ.

**БАВОРИҚ** *а.* بوارق *кит. ҷ.* **бориқ** ва **бориқа**.

**БАВОСИР** *а.* بواسیر *тиб.* беморие, ки дар мақъад пайдо мешавад.

**БАВОСИРӢ** بواسیری мубтало ба бемории бавосир, он ки бемории бавосир дорад.

**БАВОСИТА** بواسطه ашё ва амале, ки рост ва мустақим набуда ва рӯй надода, ба воситае ё ба амале вобаста аст; **пуркунандаи бавосита** *грам.* пуркунандае, ки таъсир ва ҳаракати хабари ҷумла ба воситае ба он мегузарад.

**БАВОТИН** *а.* بواطن *ҷ.* **ботин**.

**БАВОҶИБ** بواجب *кит.* ба қадри даркорӣ, чунонки, бояду шояд, сазовор, лоиқ.

**БАВУҶУДОВАРӢ** بەوجودآوری *исми амал аз* **ба вуҷуд овардан**; бунёд кардан, офаридан.

**БАВУҶУДОӢ** بوجودآیی пайдоиш, ба вуқӯъ пайвастан.

**БАВУҶУДОРӢ** بوجودآری *ниг.* **бавуҷудоварӣ**.

**БАВШ** بوش *кит.* карруфар, худнамоӣ.

**БАВШҶӮ** بوشجو *кит.* толиби карруфар, худпараст.

**БАГНӢ** بگنی шаробе, ки аз биринҷ, ҷав, арзан *ва г.* омода созанд.

**БАГОНА** بگانه **:багонаву бегона** *гуфт.* худӣ, аз они худӣ ва ғайрихудӣ, худиву бегона.

**БАГРАС** بگرس болопӯш, ҷомаи боронӣ.

**БАГТАР//БАКТАР** بگتر//بکتر *таър.* ҷомаи оҳанӣ, ки ҷанговарони қадим дар вақти ҷанг мепӯшиданд.

**БАҒАЙРАТ** بغیرت *ниг.* **боғайрат**.

**БАҒАЙРАТӢ** بغیرتی *ниг.* **боғайратӣ**.

**БАҒАЙРАТОНА** بغیرتانه *ниг.* **боғайратона**.

**БАҒАЛ** بغل 1. зери пайвандгоҳи дасту китф, каш. 2. оғӯш, канор, бар, сина, дӯш; **аз (зери) бағали** *касе* **гирифтан** а) бозуи касеро даст гирифтан, аз зери каши касе гирифтан; б) *маҷ.* ба касе мадад расонидан, кӯмак кардан, дастгирӣ кардан (*дар дармондагӣ*); **ба (дар) бағал гирифтан (кашидан)** оғӯш кардан, дар канор кашидан. 3. *маҷ.* дарун, миён, байн, мобайн: **бағали кӯҳ, бағали дара, бағали водию биёбон**. 4. холигие, ки аз бастани миён дар ду тарафи ҷома (*болотар аз миён*) пайдо мешавад; **кисаи бағал** *ниг.* **бағалкиса**. 5. миқдори ҳезум, алаф ё чизи дигар, ки бо ду дасти калонкушода онро ба оғӯш гирифта бардоштан мумкин аст; ◊ **бағали** *касеро* **бо чормағзи пуч пур кардан** бо ваъдаи хушку холӣ фирефтан.

**БАҒАЛАК** بغلک 1. ҷароҳати доначашакл, ки дар зери бағали одам пайдо мешавад, пуччаки зери бағал. 2. *байт.* реш дар бағали аспу хар, ки аксаран боиси ҳалоки онҳо мешавад.

**БАҒАЛАСО** بغلعصا *ниг.* **асобағал**.

**БАҒАЛБАНД** بغلبند 1. тасма ё танобе, ки дар зери бағали асп мебананд. 2. порчаи қуфлак, ки зери бағал ба остини либос медӯзанд, зеркаш, нимостарӣ.

**БАҒАЛГОҲ** بغلگاه 1. қисмати паҳлуии инсон. 2. бахше аз либос, ки қисмати бағалро мепӯшонад.

**БАҒАЛӢ** بغلی 1. *мансуб ба* **бағал**; **кисаи бағалӣ** *ниг.* **бағалкиса**. 2. қисми аз реша то шохҳои асосии танаи дарахт, ки одатан навдаву шохҳои наврустаи онро сари чанд вақт мебуранд. 3. канорӣ, паҳлуӣ; ◊ **дафтари бағалӣ** дафтари хурди кисагӣ.

**БАҒАЛКАШ** بغلکش **:вохӯрии (хайрбодӣ) бағалкаш** ҳамдигарро ба оғӯш кашида, вохӯрӣ ё хайрбод кардан.

**БАҒАЛКАШӢ** بغلکشی оғӯшкашӣ, вохӯрии бағалкаш.

**БАҒАЛКИСА** بغلکیسه кисаи дарунии таги китфии либос, кисаи бағалӣ, кисабағал.

**БАҒАЛПАНҶАРА** بغلپنجره панҷараи паҳлуи зина ва нардбонҳо (*дар биноҳои бисёрошёна ва иншооти дигар*).

**БАҒАЛТОК** بغلتاک токе, ки шохҳояш рӯи замин паҳн аст.

**БАҒАЛТОҚ** بغلتاق *кит.* 1. каллапӯш, кулоҳ. 2. ҷомаи абрешимӣ, қабо.

**БАҒАЛШОХ** بغلشاخ шохаи аз паҳлу рустаи ниҳол ё гулбутта.

**БАҒБАҒА** بغبغه *аслаш* **ғабғаб**.

**БАҒДОДӢ** بغدادی 1. *марбут ба* **Бағдод: аҳли Бағдод**. 2. шинохташуда, сохта ё баамаломада дар Бағдод. 3. оҳанге дар мусиқии эронӣ.

**БАҒИЯТ** *а.* بغیت *кит.* анҷоми кори нораво дар ҳаққи касе, бадкорӣ.

**БАҒӢ** *а.* بغی *кит.* 1. нофармонӣ, беитоатӣ, саркашӣ. 2. бадкорӣ, фасод, ситамкорӣ. 3. зани зинокор, зани нопок.

**БАҒЛ** *а.* بغل *кҳн.* хачири нар, қотири нар.

**БАҒЛОБА** بغلابه навъи ҳалво, ки аз мағзи бодом бо шакар мепазанд.

**БАҒОВАТ** *а.* بغاوت *кит.* саркашӣ, беитоатӣ, гарданкашӣ.

**БАҒОЗ** بغاز *ниг.* **фона**.

**БАҒОЧ** بغاچ *ниг.* **бағоҷ**.

**БАҒОҶ** بغاج чизу чорае, ки барои ба ҷое фиристодан бо роҳи оҳан, ҳавопаймо *ва г.* баста месупоранд; **бағоҷ кардан** баста супоридани бор (*барои бо роҳи оҳан ё роҳи ҳавоӣ фиристодан ба ҷое*).

**БАҒОҶКАШОНӢ** بغاجکشانی ҳамлу нақли бағоҷ: **аробачаи бағоҷкашонӣ**.

**БАҒОҶМОНАК** بغاجمانک ҷои махсус дар мошинҳо, ки одатан мусофирон борҳои худро дар он мегузоранд.

**БАҒОҶХОНА** بغاجخانه ҷои қабул ва нигоҳ доштани бори мусофирон дар истгоҳи роҳи оҳану фурудгоҳҳо, борхона.

**БАҒОЯТ** بغایت бениҳоят, аз ҳад зиёд, хеле зиёд, беандоза.

**БАҒПУР** بغپور 1. *кит.* фарзанди худо. 2. *асот.* форсиёни қадим подшоҳи худро бағпур ё фағфур меномиданд.

**БАҒРО//БУҒРО** *т.-м.* بغرا 1. *кҳн.* номи таоме, ки аз риштаҳои дароз-дарози хамир тайёр мекардаанд. 2. хӯриш барои палав, ки аз гӯшт, нахӯди куфта, равғану зардаи тухм *ва г.* тайёр мешавад.

**БАД** I بد 1. нохуб, ношоиста, нописандида, беадаб, бетарбия; *муқоб.* **хуб, нек, нағз: ахлоқи бад, кирдори бад, нияти бад, одами бад, қасди бад, баду нек; колои бад ба риши соҳибаш** (*мақ.*). 2. зишт, ганда, нобоб, номақбул: **бо бад нишинӣ, бад шавӣ** (*мақ.*). 3. ҷиҳати манфии чизе, манфӣ: **таъсири бад, феъли бад; баҳои бад** баҳои манфӣ, баҳои ғайриқаноатбахш (*мас., дар имтиҳон*). 4. душвор, вазнин, сахт: **аҳволи бад, дарди бад, рӯзи бад, ҳоли бад**. 5. нохуш, шум: **толеи бад, фоли бад, хабари бад**. 6. ногувор, нофорам: **бӯи бад, давои бад, таъми бад; дарди бад-давои бад** (*мақ.*). 7. бадӣ; **бад кардан** бадӣ кардан, кори ношоиста кардан; **обу ҳавои бад** обу ҳавои номусоид; **бад будан** *бо касе* хусумат доштан бо касе, носоз будан бо касе; **бад дидан** *касеро, чизеро* нафрат доштан ба касе чизе; **бад намудан** (*ба назари касе*) зишт, номақбул намоён шудан; **бад шудани кор ё ҳоли** *касе* а) вазнин шудан, рӯ ба бадӣ овардани кор ё аҳволи касе; б) табоҳ шудан, чатоқ шудани кори касе; **бад набудан** зарар надоштан, аз фоида холӣ набудан: **бад-бад нигоҳ кардан** бо нияти бад ё хашмолудона

нигаристан ба касе, чизе; **чашми бад** чашме, ки гӯё нигоҳаш асари бад дорад, чашме, ки чашм- захм мезанад; **чашми бад расидан; гумони бад бурдан** бадгумон шудан; **дуои бад кардан** бадии касеро хостан, ба касе бадӣ хостан; **бад кардан** *касеро* касеро ганда карда нишон додан; ғайбат кардан касеро; **бо чашми бад нигоҳ кардан** нисбат ба касе тамаъ кардан; ба касе кинаву ғараз доштан.

**БАД** II بد *шакли дигари пешоянди* ба, ки бештар дар назм кор фармуда мешавад: **бад-ин, бадон, бад-ӯ**.

**БАДАВЗОЪ** بداوضاع 1. он ки ҳолаташ хуб нест, бадҳолат. 2. бадният.

**БАДАВИЯТ** *а.* بدویت саҳронишинӣ, бодиянишинӣ, биёбонӣ будан.

**БАДАВӢ** بدوی саҳронишин, бодиянишин, кӯчманчӣ, биёбонӣ.

**БАДАВЛАТ** بدولت давлатманд, доро.

**БАДАЛ** *а.* بدل 1. ҳар чизе, ки ҷои чизи дигареро мегирад, иваз. 2. арзиш, қимат; **ба бадали…** а) ба ивази…, ба ҷои…, ба подоши…; б) ба нархи.., ба қимати…; **дар бадали**… а) ба ивази…; б) дар муддати…, дар давоми…, дар байни…; **бадал кардан** иваз кардан, ба ҷои чизе чизи дигаре додан; **бадал шудан (гардидан, гаштан)** табдил ёфтан, мубаддал шудан; **радду бадал шудан** а) аз дасте ба дасти дигаре гузаштани чизе; б) *маҷ.* гуфта шудан; баҳсу мунозира ба амал омадан. 3. чизи камарзиш, ки ба ҷои чизи боарзише истифода шавад; тақаллуб, бадалкорӣ.

**БАДАЛИСОЗӢ** بدلی‌سازی сохтани ҷавоҳироту зеварҳои сохтаву сунъӣ.

**БАДАЛИҶОТ** بدلیجات ҷавоҳирот ва гавҳарҳои сунъӣ.

**БАДАЛӢ** بدلی сохта, сунъӣ; ҷаълӣ, тақаллубӣ, қалбакӣ.

**БАДАЛШАВАНДА** بدل‌شونده *сифати феълии замони ҳозира аз* **бадал шудан**; қобили табдил, қобили иваз.

**БАДАЛШАВАНДАГӢ** بدل‌شوندگی хосияти табдил шудан, қобилияти ивазшавандагӣ.

**БАДАЛШАВӢ** بدل‌شوی *исми амал аз* **бадал шудан**; табдилёбӣ, ивазшавӣ.

**БАДАМАЛ** بدعمل 1. бадкирдор, бадрафтор. 2. саркаш, нофармон: **аспи бадамал**.

**БАДАН** بدن ҷисми ҳайвон, инсон ба ғайр аз дастҳо, поҳо ва сар; тан, андом.

**БАДАНА** بدنه *тех.* тана, пайкар; **баданаи киштӣ** танаи киштӣ.

**БАДАНДАРУН** بداندرون бадтинат, бадсиришт, бадзот.

**БАДАНДЕШ** بداندیش 1. касе, ки дар ҳаққи дигарон нияти бад дорад, бадхоҳ, бадният. 2. бадбин, он ки дар ҳаққи дигарон гумони бад дорад, бадгумон. 3. *маҷ.* душман, хасм.

**БАДАНДЕША** بداندیشه *ниг.* **бадандеш**.

**БАДАНДЕШӢ** بداندیشی қасду нияти бад доштан, бадхоҳӣ.

**БАДАНДОМ** بداندام он ки қадду қомати нозебу номутаносиб дорад, бадшакл, безеб.

**БАДАНӢ** بدنی *мансуб ба* **бадан**: **ҳаракатҳои баданӣ** варзиши ҷисмонӣ, варзиши бадан.

**БАДАНҶОМ** بدانجام он чи оқибаташ хуб нест, бадоқибат, бадфарҷом.

**БАДАР** بدر берун, хориҷ (*одатан дар таркиби феълҳо меояд*): **бадар андохтан** баровaward партофтан; **бадар бурдан** гирифта бурдан; раҳонидан, халос кардан (*мас., ҷонро*); **бадар рафтан** баромада рафтан; **аз сар бадар кардан** *(фикреро)* аз лавҳи хотир дур сохтан фикреро, дигар дар бораи чизе фикр накардан.

**БАДАРАҶОТ** بدرجات хеле зиёд, барзиёд.

**БАДАРҒА** بدرغه касеро ба тариқи ҷазо аз ҷои зисташ ба ҷои дигаре рондан, табъид; **бадарға кардан** рондани касе аз ҷое чун ҷазо: **бадарға шудан** маҳкум ба табъид гардидан.

**БАДАРҒАГӢ** بدرغگی *мансуб ба* **бадарға**; дар бадарға будан.

**БАДАРҒАШУДА** بدرغه‌شده *сифати феълии замони гузашта аз* **бадарға шудан**; маҳкуми бадарға.

**БАДАРД** بدرد дарднок; дардовар.

**БАДАРДХӮРД** بدردخورد лозим, зарур.

**БАДАСЛ** بداصل бадзот, бадсиришт.

**БАДАСТ** بدست *ниг.* **бадаступо**.

**БАДАСТА** بدسته *гуфт.* бо дасти худ, мустақиман, бевосита.

**БАДАСТУПО** بدستوپا чолок, ӯҳдабаро, чобук.

**БАДАСТУПОГӢ** بدستوپاگی чолокӣ, ӯҳдаборой, чобукӣ.

**БАДАФТ** بدافت зиштрӯ, бадандом, безеб, баднамо, қареҳ.

**БАДАФЪОЛ** بدافعال он ки атвору кирдораш нописанд аст, бадкирдор, бадхӯ.

**БАДАХЛОҚ** بداخلاق 1. он ки ахлоқи зишт ва нописанд дорад, беодоб; *муқоб.* **хушахлоқ**. 2. бадзот, бадсиришт.

**БАДАХЛОҚӢ** بداخلاقی амали бадахлоқ, беодобӣ.

**БАДАХТАР** بداختر 1. дорои бахту иқболи бад, бадбахт. 2. шум, номуборак; бадтолеъ.

**БАДАХТАРӢ** بداختری бадахтар будан, бадбахтӣ.

**БАДАХШӢ** بدخشی *ниг.* **бадахшонӣ**.

**БАДАХШОНӢ** بدخشانی 1. *мансуб ба* **Бадахшон**. 2. аҳли Бадахшон; сокини Бадахшон.

**БАДАҲД** بدعهد паймоншикан, аҳдшикан, ба қавли худ ноустувор; ваъдахилоф.

**БАДАҲДӢ** بدعهدی бадаҳд будан; паймоншиканӣ, аҳдшиканӣ, бевафоӣ.

**БАДАЪМОЛ** بداعمال *ниг.* **бадамал**.

**БАДАЪМОЛӢ** بداعمالی бадкорӣ, бадкирдорӣ.

**БАДБАДРАҚА** بدبدرقه мизбоне, ки ба меҳмон баъд аз муддате рӯи хуш нишон надиҳад.

**БАДБАНДА** بدبنده *кит.* он ки дар вазифаи бандагии хеш бадрафторӣ кардааст.

**БАДБАНДАГӢ** بدبندگی *кит.* амал накардан ва ибодат накардан, иҷро накардани вазифаҳои динӣ.

**БАДБАХТ** بدبخت 1. бадтолеъ, шӯрбахт, сияҳбахт, тирарӯз; *муқоб.* **хушбахт**. 2. лаънатӣ, шум (*дар мавриди дашном кор мефармоянд*).

**БАДБАХТӢ** بدبختی бадтолеӣ, бетолеӣ, бадбахт будан, вазъ ва ҳолати бадбахт.

**БАДБАХТОНА** بدبختانه аз рӯи бадбахтӣ; мутаассифона; *муқоб.* **хушбахтона**.

**БАДБАШАРА** بدبشره *ниг.* **бадафт**.

**БАДБИН** بدبین 1. он ки ба касон бо назари бадхоҳона менигарад, бадхоҳ. 2. касе, ки ба ҳар рӯйдоди зиндагӣ ва ба оянда бо назари бад ва ноумедӣ менигарад ва дунёро пур аз бадбахтӣ, яъс медонад; *муқоб.* **хушбин**; маъюс, навмед.

**БАДБИНӢ** بدبینی 1. бад дидан ва нописандидан (*касеро, чизеро*). 2. пессимизм; *муқоб.* **хушбинӣ**.

**БАДБИНОНА** بدبینانه дар ҳолати бадбинӣ, аз рӯи бадбинӣ.

**БАДБОТИН** بدباطن бадтинат, мунофиқ, баддил.

**БАДБУНА** بدبنه бадаҳвол, бадвазъ.

**БАДБУНЁД** بدبنیاد 1. сустбунёд, номустаҳкам, ноустувор (*иморат*). 2. *маҷ.* бадзот, ноасл.

**БАДБУРИШ** بدبرش 1. бадбуридашуда, вайрон буридашуда (*либос ва амсоли он*). 2. *маҷ.* баднамо, бадшакл.

**БАДБУРУТ** بدبروت 1. марди сермӯйлаб, мӯйлабдароз, калонмӯйлаб. 2. *маҷ.* бадҳайбат, даҳшатовар (*доир ба* одам).

**БАЛВОГАРОНА** بلواگرانه 1. исёнкорона; ошӯбгарона: **балвогарона гап задан**. 2. дорои хусусияти ба ошӯбу исён даъваткунанда: **шиори балвогарона, суханони балвогарона**.

**БАЛҒАМ** *а.* بلغم мояи ғализе, ки бо сулфа аз гулӯ (-и бемор) ҷудо мешавад: **балғам партофтан**.

**БАЛҒАМИМИЗОҶ** بلغمی‌مزاج дорои табиати балғамӣ.

**БАЛҒАМӢ** بلغمی 1. беморе, ки аз гулӯяш бо сулфа балғам мебарояд. 2. ранги сабзи паст, сабзчаранг: **пиёлаи балғамӣ**.

**БАЛҒАМОВАР** بلغم‌آور бавуҷудоварандаи балғам, боиси балғампартоӣ шудан: **доруи балғамовар**.

**БАЛҒАМПАРТОӢ** بلغم‌پرتایی *исми амал аз* **балғам партофтан**.

**БАЛҒУР** بلغور донаи кӯбидашуда ва шикастаи ғалладона, монанди гандум ва ҷав, рез.

**БАЛҒУРӢ** بلغوری *мансуб ба* **балғур**; таҳияшуда аз балғур.

**БАЛДА** *а.* بلده *кит.* маҳалли аҳолинишин; шаҳр.

**БАЛДОҚ** بلداق ҳалқаи доирашакле, ки занон барои зебу зинат ба бинӣ мекардаанд; гӯшвораи доирашакл.

**БАЛЕ** *а.* بلی 1. *ҳиссачаи тасдиқӣ* оре, ҳа, ҳо; **бале гуфтан** тасдиқ кардан; розӣ шудан. 2. *нидо* офарин, аҳсан; **бале-бале гуфтан** ба тасдиқи сухани касе «ҳа-ҳа» гуфтан.

**БАЛЕГӮ(Й)** بلی‌گو(ی) 1. *маҷ.* хушомадгӯ, лаббайкгӯ, чоплус. 2. *кҳн.* ёридиҳандаи маддоҳон – хонандагони қиссаҳои ривоятӣ, ки дар вақти қиссахонӣ бо нидои худ диққати сомеонро ба тарафи қиссахон ҷалб менамуданд.

**БАЛЕГӮӢ** بلی‌گویی 1. *исми амал аз* **бале гуфтан**; тасдиқ кардан; изҳори ризомандӣ. 2. *маҷ.* хушомадгӯӣ, лаббайгӯӣ, чоплусӣ.

**БАЛЕҒ** *а.* بلیغ *ниг.* **балиғ**.

**БАЛЕТ** *фр.* بلیت 1. як навъи санъати рақс. 2. як намуди намоишҳои саҳнавӣ иборат аз рақс ва имову ишорат тахти оҳанги мусиқӣ.

**БАЛЕТМЕЙСТЕР** *олм.* بلیت‌میستر басаҳнагузорандаи рақсҳои балет.

**БАЛИҒ//БАЛЕҒ** *а.* بلیغ 1. расо, комил; фасеҳ, зебо (*сифати сухан*). 2. суханвар, забонвар, зебогуфтор.

**БАЛИД** *а.* بلید *кит.* кундфаҳм, кундзеҳн.

**БАЛИҚ** *т.* بلیق моҳӣ; гӯшти шӯр ва андак хушк кардаи тахтапушти моҳиҳои сурх.

**БАЛИЛА** *ю.-а.* بلیله 1. меваи зардранг ва тухмшаклу дарозрӯя, ки донаи он хусусияти доругӣ дорад ва дар дорусозӣ истифода мешавад. 2. гиёҳи ин мева, ки дарахтчаест аз хонаводаи бодоми ҳиндӣ.

**БАЛИСОН** *ю.-а.* بلیسان *ниг.* баласон.

**БАЛИЯ(Т)** *а.* بلیه//بلیت 1. *кит., ниг.* **бало**. 2. мусибат, бадбахтӣ, фақирӣ, мӯҳтоҷӣ.

**БАЛК** بلک *шакли кӯтоҳшудаи* **балки**.

**БАЛКАН** بلکن *кҳн.* 1. сари девор. 2. *ниг.* **манҷаниқ**.

**БАЛКИ** بلکه 1. *ҷузъи пасини пайвандаки ҷуфти хилофӣ:* **на танҳо..., балки; на фақат..., балки**. 2. *ҳиссачаи таъкидӣ* ҳатто. 3. баръакс.

**БАЛЛ** *фр.* بلّ 1. воҳиди ченаки дараҷа ё шиддати ҳодисаҳо (*аз қабили бод, зилзила*). 2. баҳое, ки ба дараҷаи дониши талабагон дар мактабҳо ва ба маҳорати варзишгарон дар мусобиқаҳо дода мешавад, хол.

**БАЛЛАДА** *фр.* بلّده *адш.* яке аз намудҳои назми лирикию ҳамосавист, ки аз шеъри начандон калони сюжетнок иборат буда, дар он лаҳзаи қаҳрамонӣ *ва г.* тасвир меёбад, қисса.

**БАЛЛИСТИКА** *ю.* بلّیستیکه *ҳ.* илм дар бораи қонунияти парвози тиру мушакҳо.

**БАЛЛИСТИКӢ** بلیستیکی **:мушаки баллистикӣ** мушаки худпар бо хати сайри ҷисми озодҳаракаткунанда.

**БАЛЛОН** *фр.* بلان 1. зарфи шишагӣ ё филизӣ барои кашондан ва нигоҳ доштани чизҳои моеъ ва газ. 2. чархи резинӣ, ки ба дарунаш ҳаво пур карда мешавад.

**БАЛО** *а.* بلا 1. офат, фалокат, бадбахтӣ; **балои ногаҳонӣ // балои осмонӣ** офати табиӣ (*аз қабили* тӯфон, жола, сел, раъду барқ); **балои азим** а) офати ниҳоят калон; б) *маҷ.* ниҳоят шайтону маккор; **балову қазо барин** мисли офати ногаҳонӣ ва банохост дучоршаванда; **ба балои бад гирифтор шудан** дучори мусибат гардидан, гирифтори бадбахтӣ шудан. 2. сахтӣ, машаққат, азоб. 3. осеб, зарар, зиён; **бало задан** а) осеб расидан, зарар дидан; дучори нохушӣ шудан; б) *маҷ.* расво ва бемаза шудани коре; **ҳеҷ бало карда натавонистан** ягон зарар расонида натавонистан. 4. *маҷ.* дарди сар, ташвиши сарзиёд: **ин корро кунӣ ҳам, як бало, накунӣ ҳам, як бало**. 5. *маҷ.* маккор, шайтон, айёр; шахси шуми ба ҳар кирдор қодир ва рӯйнагардонанда аз ҳеҷ чиз; **баду бало** одами ҳилагару айёр, ки аз ҳар гуна душворӣ ба осонӣ мебарояд; **балову бадтар // балою батар** а) офату бадбахтӣ; азобу машаққат; б) *киноя аз* ҳар гуна чизҳои даркору нодаркор, лашу луш, чизҳои гуногун; **ба бало мондан** а) дучори мусибат шудан, гирифтори бадбахтӣ шудан; б) *маҷ.* ба худ дарди сар харидан, дар натиҷаи ягон амали худ ба ташвиш мондан; **чӣ бало** а) *ҳиссачаи таркибии ифодакунандаи ҳайрат ва тааҷҷуб* магар?; б) чӣ гап?, чӣ воқеа?; **боз чӣ балои дигар** ҳар навъ корҳои дигар; **балои ҷон шудан (гардидан)** боиси ташвиш ва нороҳатӣ шудан, заҳмати сарзиёдӣ шудан; **аз бало ҳазар** (*мақ.*) аз бад дур будан беҳтар аст, бо бадӣ кордор нашудан хубтар аст; **бало ба пасаш** ҳар фалокате, ки бошад, ба худаш шавад (*дар мавриди кордор нашудан, ба аҳволи худ вогузоштани касе, чизе гуфта мешавад*); **балоят (балояш) занад; балоятро (балота) гирам** тасаддуқат шавам, қурбонат гардам (*одатан дар мавриди навозиш гуфта мешавад*); **дили одаткарда – балои ҷон** (*мақ.*) тарки одат амри муҳол.

**БАЛОАНГЕЗ** بلاانگیز 1. офатовар; зарару хисороти бисёр оваранда. 2. шӯрангез, фитнаовар.

**БАЛОГАРДОН** بلاگردان 1. он чи ё он ки балоро аз кас дур мекунад; муҳофизаткунанда аз балову офат. 2. *д.* лақаби Баҳоваддини Нақшбанд, ки аҳли дину тариқат гӯё барои дур кардани бало ва офат ба рӯҳи ӯ назру садақа мекунанд.

**БАЛОҒ** *а.* بلاغ *кит.* 1. кифоят, басандагӣ; камол. 2. расонидан (*ба чизе, ба дараҷае*).

**БАЛОҒАТ** *а.* بلاغت 1. расидагӣ, пухтагӣ, камолот, булуғ; **балоғати ақлӣ** камолоти ақлӣ; **синни балоғат // ҳадди балоғат** синну сол, ки

баробари пурра шудани он ҳар як шахс шаҳрванди комилҳуқуқ ва камолёфта шинохта мешавад; **ба балоғат расидан** пурра шудани синну соли шахси ҷавон; ба ҳадди булуғ расидан, камол ёфтан. 2. ҳадди камолот дар суханварӣ.

**БАЛОҒӢ** بلاغی *марбут ба* **балоғат: улуми балоғӣ**.

**БАЛОДАТ** *а.* بلادت *кит.* кундзеҳнӣ, кундфаҳмӣ.

**БАЛОДИДА** بلادیده он ки ба бало дучор шудааст.

**БАЛОЗАДА** بلازده 1. бадбахт, берӯзӣ (*ҳамчун дашном ва таҳқир гуфта мешавад*). 2. бекора, корношоям.

**БАЛОЗАДАГӢ** بلازدگی дучор шудан ба балову мусибат, мусибатзадагӣ.

**БАЛОКАШ** بلاکش *кит.* гирифтори бадбахтӣ ва мусибат; мубтало ба сахтӣ ва машаққат; бадбахт, бечора.

**БАЛОКАШӢ** بلاکشی таҳаммули ҳар балову ранҷ, тоқат кардан ба ҳар балову бадбахтӣ.

**БАЛОЛАК** بلالک *ниг.* **балорак**.

**БАЛОН** *фр.* بلان *ниг.* **баллон**.

**БАЛООВАР** بلاآور *ниг.* **балоангез**.

**БАЛОРАК** *ҳ.* بلارک *кҳн.* 1. шамшери ҳиндӣ, ки аз пӯлоди асл сохта мешавад. 2. ҷавҳари пӯлод. 3. фӯлоди ҷавҳардор.

**БАЛОРАСИДА** بلارسیده *ниг.* **балозада**.

**БАЛОРАҶ** بلارج *кит., ниг.* **лаклак**.

**БАЛОХЕЗ** بلاخیز маконе (ҷое), ки аз он мусибату бало бихезад.

**БАЛОХӮР** بلاخور 1. он ки аз ҳисоби дастранҷи дигарон рӯз мегузаронад, муфтхӯр. 2. *таър.* сардори дастаи дуздони майда. 3. *таър.* шахсе, ки аввали таоми ашрофро чашида медид; **балохӯрони бозор** *киноя аз* қаллобон, ҳаннотон ва савдогарон; **балохӯрони қишлоқ** *таър.* калонҳои деҳа (*арбоб ва г.*), ки одатан аз ҳисоби дигарон рӯз мегузаронианд; **нафси балохӯр** нафсе, ки ба чизи андак қонеъ намешавад, нафси бад.

**БАЛОХӮРДА** بلاخورده ба ранҷу бало гирифтор-шуда.

**БАЛОҲАТ** *а.* بلاهت *кит.* 1. аблаҳӣ, нодонӣ, бефаҳмӣ, гӯлӣ. 2. содадилӣ.

**БАЛОЧА** بلاچه *шакли тасғири* **бало** (*одатан дар вақти навозиш ба кӯдак гуфта мешавад*), шӯх, шайтон.

**БАЛОҶ** بلاج *кҳн.* бӯрё, ҳасир.

**БАЛОҶӮ(Й)** (بلاجو(ی 1. ҷӯяндаи бадбахтӣ ва мусибат. 2. *маҷ.* пархошҷӯй, ҷангҷӯй.

**БАЛОЯ** بلایه *кит.* қаҳба, руспӣ, фоҳиша, сабукпо.

**БАЛУТ** بلوت *ниг.* **булут**.

**БАЛУҶ** بلوج номи халқе, ки як қисми аҳолии Эрон ва Покистонро ташкил мекунад.

**БАЛУҶӢ** بلوجی 1. *мансуб ба* **балуҷҳо**: **забони балуҷӣ**. 2. сокини Балуҷистон; аҳли Балуҷистон.

**БАЛХӢ** بلخی *мансуб ба* **Балх** (шаҳрест дар шимоли Афғонистони имрӯза); **тути балхӣ** як навъи беҳтарини тут.

**БАЛЧИҚ** بلچیق *гуфт.* лойқа, ваҳал, лаҷан, лойи часпаки тунук.

**БАЛЪ** *а.* بلع балъидан, фурӯ бурдан, нахоида қурт кардан.

**БАЛЪИДАН** بلعیدن *кит.* фурӯ бурдан (*ба гулӯ*).

**БАМ** بم садои дурушт ва ғафс; овози баланд ва ғафси асбоби мусиқӣ; *муқоб.* **зер**.

**БАМАВРИД** بمورد он чи дар мавқеаш, яъне дар вақти матлуб иҷро мешавад; айни муддао.

**БАМАЗА** بمزه *ниг.* **бомаза**.

**БАМАЗАХӮРАК** بمزه‌خورک зуккахӯр.

**БАМАЪНӢ** بمعنی 1. маънидор, пурмазмун; оқилона: **суханони бамаъӣ**. 2. баақл, ба одоб, ботамкин.

**БАМБУК** *фр.* بمبوک як навъ растании наймонанди минтақаи ҳорра, хайзурон, найи ҳиндӣ.

**БАМӢ** بمی вазъ ва ҳолати бам будан, муқобили зерии садо.

**БАМУЛОҲИЗА** به‌ملاحظه *ниг.* **боандеша**.

**БАМУЛОҲИЗАГӢ** به‌ملاحظگی *ниг.* **боандешагӣ**.

**БАНАВОРГИРӢ** بەنوارگیری *исми амал аз* **ба навор гирифтан** (*мас., филмро*).

**БАНАҚШАГИРӢ** بنقشەگیری *исми амал аз* **ба нақша гирифтан**; ба нақша дохил кардани коре ё ҷое.

**БАНАН** *исп.* بنن *бот.* як навъ растании минтақаи гармсер, ки меваи лазиз дорад, мавз.

**БАНАФШ** بنفش *ниг.* **бунафш**.

**БАНГ** بنگ 1. гиёҳи яксолаест, ки барои ҳосил кардани нашъа ва равған дар баъзе кишварҳои гарм парвариш мекунанд. 2. моддаи сабзранги кайфовар, ки аз шираи банг ҳосил мешавад, нашъа, чарс; **банг кашидан // банг задан** банг истеъмол кардан; ◊ **банги девона** *бот.* як навъ гиёҳи заҳрнок ва бадбӯй, ки ҳамчун алафи бегона мерӯяд ва дар тиб аз он ҳамчун гиёҳи шифобахш истифода мебаранд.

**БАНГДОНА** بنگدانه 1. тухми банг, ки аз пӯсти он моддаи кайфовар тайёр мекунанд. 2. *ниг.* **банг**.

**БАНГИЁНА** بنگیانه бангивор, мисли бангӣ: **хаёлҳои бангиёна**.

**БАНГИХОНА** بنگیخانه маҳалле, ки бангиён барои кашидани банг ҷамъ мешуданд.

**БАНГӢ** بنگی он ки мубталои банг кашидан аст, мӯътоди банг.

**БАНГОЛӢ** بنگالی 1. *мансуб ба* вилояти қадимаи Бангола, ки ҳоло ҷумҳурии Бангладешро ташкил медиҳад. 2. сокини Бангола.

**банд** بند 1. *асоси замони ҳозира аз* **бастан.** 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* банданда (**девбанд, нақшбанд, чашмбанд…**) ва басташаванда ба ҷое (**гулӯбанд, камарбанд…).**

**БАНД** بند 1. риштае, ки барои ба ҳам пайвастани чизҳо ба кор меравад, канаб, ресмон *ва г.* 2. он чи пои бандӣ ва асирон, ё поҳои ҷонварони ваҳширо бо он мебанданд, занҷир, завлона *ва г.* 3. ҷои ба ҳам пайвастани устухонҳои бадан, мафсил, буғум; умуман ҷои пайваст шудани чизҳо: **банди най**. 4. гиреҳ, укда. 5. қайд, дом; ҳабс, зиндон; **ба банд гирифтан** ҳабс кардан. 6. машғул, саргарм, андармон. 7. девор, монеа дар пеши ҷое, чизе. 8. садди пеши об, сарбанд, дарғот. 9. як миқдор алаф, ҳезум *ва г.,* ки ба ҳам баста шудааст, дарза: **як банд алаф, як банд ҳезум**. 10. қисме (порчае) аз шеър, суруд ва навиштае. 11. ҳар як фасл ва моддаҳои қонун ва аҳдномаҳо; **банди даст** ҷои байни панҷа ва соид; **банди по** буҷулаки по; **аз банди**… аз бехи…, аз таги…; **дар банди**… дар қайди…; гирифтори…; **банд будан** а) масдуд будан, баста будан (-и роҳ, равзан *ва г.*); б) саргарм будан, машғул ва андармон будан; **банд кардан** а) бастан, пайвастан, васл кардан; б) пеши роҳро гирифтан, масдуд кардан; танг кардани роҳе, дар роҳи чизе монеа ба вуҷуд овардан; в) иҳота кардан, печонида гирифтан; г) гирифтор намудан, мубтало кардан; ғ) *маҷ.* касеро дар баҳс ё бозие мағлуб кардан, мот кардан; **банд шудан** а) баста шудан, масдуд шудани роҳе; б) ба монеа дучор шуда, бозистодани чизе, дармондани чизе дар ҷое; в) андармон (саргарм) шудан, машғул шудан бо коре; г) *маҷ.* мот шудан, мағлуб шудан (*дар бозӣ*); **сармоя (маблағ ё пул)-ро банд кардан** сармоя гузоштан ба чизе, гузоштани маблағе барои чизе; **фикр (хаёл) банд будан** дар бораи чизе пайваста фикр кардан; *чизеро* **ба ҷое банд кардан** насб кардан, часпондан, гузоштан; гузарондан; **ҷоеро банд кардан** ишғол кардани ҷое, нишастан ба ҷое; ◊ **бору банд** чизу чораи рӯзгор, асбобҳои хона; **кӯчу банд** чизу чораи рӯзгор, ки барои кӯчидан баста шудааст, бору буна; **банди дили** *касе* **кушодан** шод шудан, хурсанд шудани касе; **дасти** *касе* **банд будан** ба коре сахт андармон будан, машғули коре будани касе; *касеро* **ба** *касе* **банд кардан** касеро хонадор кардан; **сари** *касе* **банд будан** номзад доштан (-и духтаре).

**БАНДА** بنده 1. ғулом, абд, зархарид. 2. *маҷ.* навкар, фармонбардор, хизматгор, чокар. 3. *маҷ.* побанд, дилдодаи чизе; **бандаи нафсу шикам** *маҷ.* баднафс, пурхӯр, шикампараст; **бандаи шаҳват** *маҷ.* шаҳватпараст; ишратпараст. 4. камина, ман (*аз рӯи хоксорӣ шахси гӯянда худро меномад*). 5. *д.* одам, инсон, ки мувофиқи ақидаи динӣ халқкарда ва ғуломи Худо ҳисоб меёбад; **бандаи хокӣ** инсон, одам; **бандаи Худо** а) абди Аллоҳ; б) *маҷ.* одами ҳақир, одами одӣ. 6. *гуфт.* қиморбозе, ки дар қимор бой дода, то адо кардани қарзи худ мисли асир мутеи ҳарифи худ шуда мемонад.

**БАНДАВОР** بنده‌وار монанди банда, ба мисли ғулом.

**БАНДАГӢ** بندگی 1. банда будан, ғуломӣ; асорат. 2. чокарӣ, навкарӣ, хизматгорӣ. 3. итоат ва фармонбардории бечунучаро (*мутобиқи ақидаи динӣ*); ◊ **бандагӣ кардан // бандагии худоро ба(р) ҷо овардан** мурдан, вафот кардан.

**БАНДАЗОДА** بنده‌زاده лақабе, ки волидон ҳангоми суҳбат кардан аз фарзанди худ барои ибрози фурӯтанӣ ном мебаранд, фарзанди ман.

**БАНДАК I** بندک ҳар чизи ресмонмонанди кӯтоҳак, ки бо он ду чиз ва ё ду тарафи як чизро ба ҳам мебанданд.

**БАНДАК II** بندک *грам.* воситаи грамматикӣ, ки алоқаи байни калимаҳоро ифода мекунад; **бандаки изофӣ** бандаки «и» (-йи), ки калимаи муайянкунандаро бо муайяншаванда мебандад; **бандакҳои хабарӣ** воситаҳои грамматикӣ, ки бо хабарҳои ҷумла омада, шахс ва шумораро ифода намуда, алоқаи байни хабарро бо мубтадо таъмин мекунанд.

**БАНДАКДОР** بندک‌دار ресмондор, дорои бандак: **пойафзоли бандакдор**.

**БАНДАКҶОНИШИН** بندک‌جانشین *грам.* ҷонишинҳои пайваста, ки бо исмҳо омада, соҳибият ва муносибатҳои мафъулиро ифода мекунанд: **китобам, китобат, китобаш; додамаш** ба ӯ додам; **хобондамаш** ӯро хобонидам.

**БАНДАНАВОЗ** بنده‌نواز 1. *кҳн.* сифати шахси ба ғуломону хизматгорон меҳрубон. 2. раҳмдил, меҳрубон.

**БАНДАНАВОЗӢ** بنده‌نوازی банданавоз будан; раҳмдилӣ, меҳрубонӣ.

**БАНДАПАРВАР** بنده‌پرور *ниг.* **банданавоз**.

**БАНДАПАРВАРӢ** بنده‌پروری *ниг.* **банданавозӣ**.

**БАНДАР** بندر ҷои махсус барои таваққуф, боргирӣ ва борфарории киштиҳо дар соҳили баҳр ва дарё, лангаргоҳ.

**БАНДАРГОҲ** بندرگاه 1. *кит.* бандар. 2. ҷои ба ҳам пайвастани чанд роҳе, чорраҳа.

**БАНДАРӢ** بندری *мансуб ба* **бандар**; воқеъ дар бандар.

**БАНДАФУРӮШ** بنده‌فروش фурӯшандаи ғуломону асирон, наххос, ғуломфурӯш.

**БАНДАФУРӮШӢ** بنده‌فروشی кору шуғли бандафурӯш, ғуломфурӯшӣ.

**БАНДАХОНА** بنده‌خانه 1. хонаи ғулом. 2. хонаи ман, хонаи камина (*шахси гӯянда аз рӯи хоксорӣ истеъмол мекунад*).

**БАНДБОЗ** بندباز 1. он ки бо банд бозӣ мекунад, дорбоз. 2. он ки дар лаҳзаҳои ҳассосу нозук тавонони иҷрои кореро аз даст намедиҳад.

**БАНДВАРҒ** بندورغ *кҳн.* банди об, ҷои бастани об.

**БАНДЕРОЛ** *фр.* بندیرل китобу рӯзнома ва дигар чизҳои хурду сабук, ки барои бо почта фиристодан коғазпеч карда мебанданд, фириста, баста.

**БАНДИБОН** بندی‌بان нигаҳбони бандиҳо дар зиндон ва ҳабсхонаҳо.

**БАНДИВОР** بندی‌وار ба монанди бандӣ, шабеҳи бандиён.

**БАНДИНА** بندینه 1. воситаи бандбандӣ (*аз қабили* канаб, навда, алаф). 2. ҳар чизе, ки онро мебанданд, яъне дарзаю бандча мекунанд.

**БАНДИХОНА** بندی‌خانه ҷои нигоҳ доштани бандиён, ҳабсхона, зиндон.

**БАНДӢ** بندی асир; маҳбус; **бандӣ кардан** а) дастгир кардан; б) ҳабс кардан; дар зиндон нигоҳ доштан; **бандӣ шудан** ҳабс шудан.

**БАНДКАНА** بندکنه марғ, як навъ алафи азрақмонанд.

**БАНДКУШО//БАНДГУШО** بندکشا//بندگشا 1. кушояндаи банд. 2. уқдакушо, гиреҳкушо; бартарафкунандаи монеа.

**БАНДКУШОӢ** بندکشایی 1. кушодани банд. 2. уқдакушоӣ, гиреҳкушоӣ; бартараф кардани монеа.

**БАНДОНДАН** بنداندن *тарзи бавоситаи* **бастан**; водор ба бастан кардан, масдуд кунондан.

**БАНДСОЗӢ** بندسازی сохтмони банд, дарғот; *ниг.* **банд** 8.

**БАНДУБАСТ** بندوبست 1. дар банд будан; қайд, гирифторӣ. 2. тартиб, низом. 3. *адш.* компо-

зитсия, устухонбандии асар.

**БАНДЧА** بندچه шакли тасғири банд; банди хурд; як қабза чизе (кашнич, пиёзи кабуд *ва г.*) ки дар шакли дарзаи хурд баста шудааст: **як бандча кашнич**.

**БАНИЗ** بنیز *кит.* 1. инчунин, боз ҳам, низ. 2. ҳаргиз, қатъан, асло.

**БАНӢ** *а.* بنی *ҷ.* **ибн (писар)**; насл, авлод.

**БАНӢ-БАШАР**بنی‌بشر *ниг.* **банӣ-одам**.

**БАНӢ-ОДАМ** بنی‌آدم фарзандони одам, авлоди одам; мардумон, одамизод.

**БАНК** *фр.* بنک *ниг.* **бонк**.

**БАНКА** *р.* بنکه 1. зарфи устувонашакли шишагӣ, тунукагӣ *ва г.* барои нигоҳ доштани чизҳои обакӣ ва ордак; қуттӣ: **банкаи консерва**. 2. *ниг.* **бодкаш** 2.

**БАНКИР** *олм.* بنکر соҳиби бонк ва саҳмдори калони ширкати бонк, бонкдор.

**БАНКОМАТ** *фр.* بنکامت нуқтаҳои худкори бонкӣ, ки ба воситаи кортҳои пластикӣ пули нақд мегиранд.

**БАННО** *а.* بنا *кит.* бинокор, бинокунанда; устои гилкор.

**БАНОГОҲ** بناگاه ногаҳон, банохост, тасодуфан, иттифоқо.

**БАНОГӮШ** بناگوش буни гӯш, нармаи гӯш.

**БАНОМУС** بناموس бошарму ҳаё, шаъну шарафи худро нигоҳдоранда, ориятнок.

**БАНОМУСӢ** بناموسی баномус будан, ору номус доштан, боҳаёӣ.

**БАНОН** *а.* بنان *кит.* сари ангуштон; ангуштон.

**БАНОРАС** بنارس як навъ матои шоҳии ҷомавории майданақши дуранга.

**БАНОТ** *а.* بنات 1. *ҷ.* **бинт**. 2. *маҷ.* ҳамсохт, ҳамто, ҳамҳайат; ◊ **баноти гардун** а) ситораҳои дар як саф қарордошта, галаситораҳо, Ҳафтдодарон; б) ҳамаи ситораҳои осмон.

**БАНОТУННАЪШ** *а.* بنات‌النعش *ниг.* **Ҳафтдодарон**.

**БАНОХОСТ** بناخواست *ниг.* **баногоҳ**.

**БАНОҲАҚ** بناحق на аз рӯи адлу инсоф, беинсофона; бардурӯғ.

**БАНОЧОР** بناچار аз рӯи ночорӣ, аз рӯи ноилоҷӣ, ноилоҷ.

**БАНУР** بنور нурдор, равшан, нуронӣ.

**БАНУФУЗ** بنفوذ 1. боэътибор, эътибордор, обрӯманд. 2. ботаъсир, амру фармонаш иҷрошаванда.

**БАНҶ** بنج *муарраби* **банг**.

**БАОБРӮ(Й)** باآبرو(ی) обрӯманд, боэътибор, бонуфуз.

**БАОБРӮӢ** باآبرویی обрӯмандӣ, боэътиборӣ.

**БАОВОЗМОНӢ** باآوازمانی *исми амал аз* **ба овоз мондан**, раъйгирӣ.

**БАОДОБ** باآداب хушахлоқ, шахсе, ки дорои хулқу атвори хуб аст, он ки одобу ахлоқро риоя мекунад.

**БАОДОБӢ** باآدابی баодоб будан, хушахлоқӣ, хушфеълӣ.

**БАОДОБОНА** باآدابانه 1. хушахлоқона, муаддабона. 2. боэҳтиром, ботавозӯъ.

**БАОҚИБАТ** بعاقبت вафодор, пойдор ва устувор дар дӯстӣ: **дӯстони баоқибат**.

**БАОС** بئاس садои чорпоён, махсусан гову гӯсола, бузу гӯспанд *ва г.*

**БАПО** بپا *ниг.* **барпо**.

**БАПОИҚАДАМ** بپای‌قدم бахтовар, хушқадам, он ки бо омаданаш муваффақияту шодмонӣ мерасад.

**БАПОКУНАНДА** بپاکننده *ниг.* **барпокунанда**.

**бар** بر *асоси замони ҳозира аз* **бурдан**.

**бар-** بر *пешванд, ки дар аввали исмҳо омада, калимаҳои нав месозад*: **бардавом, барқарор, баръакс**.

**БАР** I بر *пешванд* 1. ба: **вой бар ҳоли ман**. 2. болои…, ба болои…; **бари…//дар бари…** назди…, пеши…; **аз бари…** а) аз пеши…, аз назди…, аз паҳлӯи…; б) аз ҷониби…, аз сӯи…, аз номи…; **бар болои** … а) аз болои…; б) дар хусуси…, дар бораи…; **бар болои ин** ба замми ин, илова бар ин; **бар хилофи**… баръакси…, алорағми…; **як(е) бар ду** ду баробар, ду бор зиёд; **бар задан** боло кардан (-и остин, до-

ман); ◊ **бар бод додан** а) талаф гардонидан, зоеъ намудан; нобуд кардан; б) барҳам задан, аз байн бурдан; в) вайрон кардан; **бар бод рафтан** зоеъ шудан, талаф гардидан; аз байн рафтан, нобуд шудан; **бар ҳазар будан** ҳазар кардан, парҳез намудан, эҳтиёт шудан.

**БАР** II بر 1. оғӯш, бағал; **ба бар кашидан** бағал кардан, дар оғӯш гирифтан; **дар бар гирифтан** фаро гирифтан, муштамил будан. 2. сина; сари сина. 3. тан, бадан; **ба бар кардан** пӯшидан.

**БАР** III بر паҳнои, арз, кундалангӣ; *муқоб.* **қад; дарозӣ**.

**БАР** IV بر 1. тараф, ҷониб, сӯй. 2. канор, гӯша, лаба; **бари ҷома** ду тарафи пеши ба ҳам расандаи ҷомаи пешкушода аз боло то поин; **бари роҳ** канори роҳ, паҳлуи роҳ; **бари рӯй** сафҳаи рӯй, он қисми рӯи инсон, ки дар байни гӯшу даҳон воқеъ аст, рух; ◊ **аз бар кардан** аз ёд (ҳифз) кардан, дар хотир нигоҳ доштан; **аз бар хондан** аз ёд гуфтан; **бараш ба бараш нарасида** қашшоқона, камбағалона.

**БАР** Vبر бор, самара, ҳосил; меваи дарахт.

**БАР(Р)** *а.* بر хушкӣ, қитъа, замин; *муқоб.* **бахр; бахру бар** баҳру хушкӣ; олам, дунё, ҷаҳон.

**БАРА** بره *ниг.* **барра**.

**БАРАБАС** برعبث беҳуда, бекора, бефоида.

**БАРАВНАҚ** برونق барорнок, баривоҷ.

**БАРАК** I برک *хӯр.* навъи хӯрок, ки хамири тунуки чоркунҷабуридаро бо гӯшти қима ва пиёзу равған дар об мепазанд; *ниг.* **тушбера**.

**БАРАК** II برک *шакли тасғири* **бар** IV; гӯшаяк, канорча.

**БАРАК** III *р.* برک *гуфт.* бинои чӯбини муваққатӣ барои истиқомат.

**БАРАКА** I برکه 1. ангушти шашум, ки дар дасти баъзе касон мешавад. 2. шахсе, ки дар яке аз дастҳояш шаш ангушт дорад. 3. ду дона мева ва ё сабзавоте, ки ба ҳам пайвастаанд, қӯша.

**БАРАКА II//БАРАКАТ** *а.* برکه//برکت 1. афзоиш, зиёдатӣ, фаровонӣ, файз, футӯҳ. 2. фоида, нафъ; **барака диҳад** афзоиш ва фаровонӣ диҳад (*ба тариқи дуо гуфта мешавад*); **барака ёфтан** а) нафъ ёфтан, фоидабардор шудан, хайри кореро дидан; б) *маҷ.* хушбахт (саодатманд) шудан; **хайру барака(т)** фаровонӣ (*одатан дар вақти харидуфурӯш мегӯянд, то ки моли харидааш ба харидор некиву хубӣ ва пули он ба фурӯшанда файзу фаровонӣ орад*); **ҳаракату баракат** (*мақ.*) агар кӯшиш кунӣ, албатта натиҷаи матлуб ба даст меояд; **барака(т) надоштани коре** натиҷаи матлуб надодани коре, барор надоштани коре; **баракати** *чизеро* **парондан** ба фаровонии чизе халал расондан, файзу футӯҳи чизеро равондан; **паридани (хайру) барака** нест шудани файз.

**БАРАКАЛЛОҲ** *а.* برک‌الله *аслаш* **боракаллоҳ**.

**БАРАКА(Т)НОК** برکتناک 1. бобарака, файзбахш. 2. бонатиҷа, натиҷаааш хуб.

**БАРАКАТ** *а.* برکت *ниг.* **барака**.

**БАРАКАТНОК** برکتناک *ниг.* **барака(т)нок**.

**БАРАКГИРАК** برک‌گیرک *хӯр.* кафгири махсус барои аз дег бардоштани барак ва амсоли он, чавлӣ, чӯлпӣ.

**БАРАКӢ** برکی ба як тараф, якпаҳлӯ: **баракӣ роҳ рафтан**.

**БАРАКОТ** *а.* برکات *ҷ.* **барака//баракат**.

**БАРАКОТУЛАРЗ** *а.* برکات‌العرض 1. баракатҳои замин. 2. *маҷ.* наботот.

**БАРАКОТУССАМОЪ** *а.* برکات‌السماء *маҷ.* баракоти осмон; барфу борон, абру нур *ва м. инҳо*.

**БАРАЛО** براعلا *гуфт., ниг.* **баръало**.

**БАРАЛОИНА** براعلایینه *гуфт.* ба таври ошкоро, аён.

**БАРАНГЕЗАНДА** برانگیزنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **барангехтан**; бавуҷудоранда; боисшаванда: **барангезандаи беморӣ**.

**БАРАНГЕЗИШ** برانگیزش *исми феълӣ аз* **барангехтан**; шӯронидан, таҳрик, тезонидан (*мас., касеро бар муқобили касе*).

**БАРАНГЕЗОНИДАН** برانگیزانیدن *тарзи бавоситаи* **барангехтан**.

**БАРАНГЕХТАН** برانگیختن 1. шӯронидан, ба шӯр овардан, тахрик кардан; ба ҷӯш овардан, тез кардан; ба по хезондан. 2. иғво андохан, шӯр андохтан..

**БАРАНГОШТАН** برانگاشتن *кит.* ангоштан, пиндоштан, тасаввур кардан.

**БАРАНДА** I برنده 1. *сифати феълии замони ҳозира* аз **бурдан**; он ки чизеро аз ҷое ба ҷое мебарад. 2. он ки маҳфиле ё маҷлисеро идора мекунад; **барандаи консерт** ҳунарпешае, ки дар консертҳо баромади ҳунарпешаҳоро эълон мекунад. 3. *варз.* он ки дар мусобиқаҳо, бозиҳои варзишӣ, қимор *ва г.* пирӯз мешавад.

**БАРАНДА** II برنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **бурдан** II; ғолиби озмун; касе, ки ҷоиза гирифтааст.

**БАРАНДАГӢ** برندگی 1. пирӯз шудан, дар мусобиқа ё қиморбозӣ. 2. шуғли бурдани маҳфил ё ҷамъомад, ё консерт.

**БАРАНДОЗ** برانداز *кҳн.* харҷ, хароҷот, сарф, махориҷ.

**БАРАНДОХТАН** برانداختن 1. партофтан; ба канор андохтан, дур кардан; ҳаво додан; канда партофтан. 2. нест кардан, аз байн бурдан. 3. маҳв кардан, бекор кардан.

**БАРАНДУДАН** براندودن андова кардан, молидан.

**БАРАС** *а.* برص *ниг.* **пес** 1; песӣ.

**БАРАСОТ** *ҳ.* برسات *кҳн.* мавсими борон дар Ҳиндустон.

**БАРАФЗУДАН** برافزودن 1. афзудан, зиёд кардан. 2. афзуда шудан, изофа шудан.

**БАРАФКАНДАН** برافکندن партофтан, ҳаво додан, барандохтан; канда партофтан.

**БАРАФРОХТАН** برافراختن баланд кардан, боло бардоштан, афрохтан.

**БАРАФРОШТА** برافراشته *сифати феълии замони гузашта аз* **барафроштан**: барафрошта шудан.

**БАРАФРОШТАН** برافراشتن *ниг.* **барафрохтан**.

**БАРАФРӮХТАГӢ** برافروختگی 1. ҳолати сурху равшан шудан бар асари сӯхтани оташ ё чароғ. 2. ҳолати сурх шудани чеҳра бар асари гармо, хашм ё ҳаяҷон.

**БАРАФРӮХТАН** برافروختن 1. даргирондан; даргирифтан (-и чароғ *ва г.*). 2. сурх шудан аз таъсири гармо ё хашму ғазаб.

**БАРАФШОНДАН** برافشاندن рехтан, резондан, пошидан, нисор кардан.

**БАРАҲМАН** *санс.* برهمن рӯҳонии ҳиндувон; пайрави бараҳмания.

**БАРАҲМАНИЯ** *санс.* برهمنیه яке аз динҳои қадимтарини ҳиндуён.

**БАРАҲМАНӢ** برهمنی *мансуб ба* **бараҳман**.

**БАРАҲНА** برهنه урён, лухт, луч; **шамшери бараҳна** шамшери аз ғилоф кашидашуда.

**БАРАҲНАГӢ** برهنگی бараҳна будан, лучӣ, урёнӣ.

**БАРАҲНАПО(Й)** برهنه‌پا(ی) 1. пойлуч. 2. *маҷ.* фақир, бенаво, камбағал, бебизоат.

**БАРАҲНАСАР** برهنه‌سر сарлуч.

**БАРАҲНАТАН** برهنه‌تن танбараҳна, танлуч.

**БАРАЪЛО** براعلا *ниг.* **баръало**.

**БАРБАНД** بربند тасмае, ки бо он зинро ба синаи асп мебастанд.

**БАРБАР(ҲО)** بربر(ها) 1. гурӯҳи халқҳое, ки аҳолии асосии кишварҳои Африқои Шимолиро ташкил медиҳанд. 2. қавмҳои берун аз тамаддуни Юнон, Рум ва Эрон.

**БАРБАРИЗМ** بربریزم *ниг.* **барбарият**.

**БАРБАРИЯТ** بربریت *таър.* давраи дуюми таърихи инсоният, ки баъд аз давраи ҷоҳилият ва пеш аз тамаддун воқеъ аст.

**БАРБАРӢ** بربری 1. *мансуб ба* **барбар(ҳо): забони барбарӣ**. 2. *маҷ.* ҷоҳилӣ; ваҳшигӣ; дағалӣ, нисбат ба юнониҳо ва румиён.

**БАРБАСТ** بربست басташуда, ҷамъшуда; **бори барбаст** бори барои фиристондан омодашуда.

**БАРБАСТА** بربسته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **барбастан**; басташуда, бандкардашуда. 2. аз нашъунамо монда, пажмурдаву афсурдашуда.

**БАРБАСТАН** بربستن бо ҳам бастан, пайвастан, ба ҳам пайванд кардан; ◊ **камар барбастан** омода ва тайёр шудан *(ба коре)*; **рахт барбастан** а) кӯчидан, ба сафар баромадан; б) рафтан.

**БАРБАТ** *ю.* بربط *мус.* асбоби қадимии танбӯрмонанд, ки дорои ҳашт тор буда, имрӯз ҳам дар байни ҳиндуҳо машҳур аст; уд.

**БАРБАТЗАН** بربط زن *ниг.* **барбатнавоз**.

**БАРБАТНАВОЗ** بربط نواز касе, ки барбат навозад, навозандаи барбат.

**БАРБОДДЕҲ** برباددہ *ниг.* **барбоддиҳанда**.

**БАРБОДДИҲАНДА** بربادهنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **бар бод додан**; зоеъкунанда, талафкунанда.

**БАРБОДДИҲӢ** بربادهی *исми амал аз* **бар бод додан**.

**БАРБОДРАВӢ** بربادروی *исми амал аз* **бар бод рафтан**.

**БАРБОДРАФТА** بربادرفته *сифати феълии замони гузашта аз* **бар бод рафтан**; зоеъгашта, талафгашта; барҳамхӯрда, азбайнрафта: **умри барбодрафта, умеди барбодрафта**.

**БАРБУРДАН** بربردن *кит.* боло бурдан, боло бардоштан.

**БАРВАЗИДАН** بروزیدن *кит.* вазидан.

**БАРВАҚТ** بروقت пеш аз вақти муайян, қабл аз мӯҳлати муайян, бармаҳал; **пагоҳии барвақт // саҳарии барвақт** аввали саҳар; **барвақт будан** (*барои коре*) фаро нарасидани вақти иҷрои коре.

**БАРВАҚТАКАК** بروقتکک барвақттар, бармаҳалтар.

**БАРВАҚТӢ** بروقتی 1. *гуфт.* саҳаргоҳон, субҳи барвақт. 2. пешпазак: **тарбузи барвақтӣ**.

**БАРГ** برگ 1. узви аз ҳаво ва аз нури офтоб ғизогирандаи дарахт ва растаниҳо. 2. порчаи хамири тунук кардашуда, ки ба он самбӯса, тушбера *ва г.* мепечонанд. 3. порае аз харбузаву тарбуз, ки баъд аз коса кардан аз кӯндалангаш бурида мешавад; **барги карам** а) вараќи сабзранги карам; б) як навъи атлас, ки гулҳои калон-калони зангор дорад; **барги сабз** а) барги тару тоза; б) *маҷ.* тӯҳфаи майда, ҳадяи ночиз; **ҳалқаи барги марворидкорӣ** гӯшвораи марворидкорӣ, ки ба шакли барг сохта шудааст. 4. як навъ кабоб, ки аз гӯшти нарми гӯсола ё гӯсфанд парча парча таҳия мешавад, кабоби барг. 5. созунаво, нағма, оҳанг. 6. воҳиди шумориш; **як барг коғаз**; **чун барги бед ларзидан** сахт ларзидан (*аз ваҳму ҳарос*); **чун барги хушк рехтан** якбора ва бисёр рехтан; нобуд шудан. ◊ **баргу зод** тӯшаву сомони сафар, зоди сафар.

**БАРГА** برگه 1. порчаи муайяни коғаз, ки барои навиштани чизе истифода мешавад, фиш. 2. буришҳои баъзе аз меваҳо, ба монанди зардолуву шафтолу, ки онро хушк карда бошанд. 3. баргҳои майдаву хурд, ки дар ҷои пайвасти думчаҳои гул мебароянд. 4. порча ё қисми беҳаракати абзор ё дастгоҳ, ки ба шакли теға ё дастаи реза аст, забонак.

**БАРГАДОН** برگه‌دان қуттиҳои махсус, ки дар он баргаҳо нигаҳдорӣ мешаванд.

**БАРГАК** برگک 1. зардолуи дукафони бедонаки хушконидашуда. 2. як навъ асбоби баргшакли зинати занон, ки аз зар месозанд ва ба пешонӣ мебанданд.

**БАРГАНАВИСӢ** برگه‌نویسی 1. навиштани баргаҳо. 2. дар китобдорӣ навиштани мушаххасоти китоб рӯи баргаҳои махсуси китобхона.

**БАРГАНҶИРӢ** برگ‌انجیری гиёҳи ҳамешасабз бо баргҳои бисёр паҳни монанди барги анҷир, ки паҳноии онҳо гоҳе ба ним метр ва дарозии онҳо ба як метр мерасад.

**БАРГАРДАНДА** برگردنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **баргаштан,** бозгарданда.

**БАРГАРДИДАН** برگردیدن *ниг.* **баргаштан**.

**баргардон** برگردان 1. *асоси замони ҳозира аз* **баргардонидан**. 2. тарҷума; табдили матне аз як хат ба хати дигар (*мас.*, *аз хати арабӣ ба хати кириллӣ*).

**БАРГАРДОН(И)ДА** برگردانده//برگردانیده *сифати феълии замони ҳозира аз* **баргардон(и)дан; баргардонда фиристодан** пас фиристодан, ақиб гардонидан.

**БАРГАРДОН(И)ДАН** برگرداندن//برگردانیدن 1. бозгардонидан, пас гардонидан, ақиб гардонидан. 2. чаппа кардан. 3. табдил намудан, мубаддал кардан; **ба ҳамдигар пушт баргардондан** а) аз ҳамдигар рӯй гардонидан, аз ҳамдигар рӯй тофтан; б) *маҷ.* қаҳрӣ шудан, ба ҳамдигар қаҳр кардан.

**БАРГАШТ** برگشت 1. бозгашт, ақиб омадан, пас омадан, пасомад. 2. гардиш, аломати такрор.

**БАРГАШТА** برگشته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **баргаштан**; баргардида, пасгардида; **баргашта додан** пас гардонда додан. 2. аз нав, аз сари нав; дубора; **гаштаю баргашта** такроран, такрор ба такрор; ◊ **толеи баргаш-**

**та** толеи бад, бахти носозгор, бахти вожгун.

**БАРГАШТААЙЁМ** برگشته‌ایام *ниг.* **баргаштабахт**.

**БАРГАШТААХТАР** برگشته‌اختر *ниг.* **баргаштабахт**.

**БАРГАШТАБАХТ** برگشته‌بخت *мач.* бадбахт, вожгунбахт, бетолеъ; берӯзӣ.

**БАРГАШТАГӢ** برگشتگی 1. қисмати баргаштагии чизе. 2. баргашта будан.

**БАРГАШТАДАВЛАТ** برگشته‌دولت *ниг.* **баргаштабахт**.

**БАРГАШТАМИЖГОН** برگشته‌مژگان касе, ки мижгонҳояш аз расоӣ хам шуда бошанд.

**БАРГАШТАН//БАРГАРДИДАН** برگشتن//برگردیدن 1. бозгаштан, бозгашт намудан; пас гашта омадан. 2. пас рафтан, пас гашта рафтан, ақиб гаштан. 3. тоб хӯрдан, кач шудан; тағйир додани роҳу самт. 4. рӯ гардондан, рӯ тофтан (*аз чизе, касе*); даст кашидан аз чизе. 5. *мач.* амалӣ нагардидан, вайрон шудан (-и ягон муомила); **ба сари** *чизе* **баргаштан** дубора мавзӯи сӯҳбату баҳс қарор додани чизе, боз дар болои масъалае фикр кардан.

**БАРГАШТАНӢ** برگشتنی *сифати феълии замони оянда аз* **баргаштан**, баргаштанӣ шудан.

**БАРГАШТАТОЛЕЪ** برگشته‌طالع *ниг.* **баргаштабахт**.

**БАРГАШТНОПАЗИР** برگشت‌ناپذیر барнагаштан, имкони баргашт надоштан.

**БАРГАШТНОПАЗИРӢ** برگشت‌ناپذیری баргаштнопазир будан.

**БАРГАШТПАЗИР** برگشت‌پذیر *ниг.* **бозгарданда**.

**БАРГАШТПАЗИРӢ** برگشت‌پذیری қобилияти бозгардандагӣ.

**БАРГДОР** برگ‌دار (шоху танаи) дорои барг, баргбароварда.

**БАРГЗАН** برگزن занандаи барг, бештар дар пилладорӣ ҳангоми задани баргҳои тут истифода мешавад.

**БАРГЗАНӢ** برگ‌زنی амал ва кори баргзан.

**БАРГИРИФТАН** برگرفتن гирифтан, бардоштани чизе аз ҷое.

**БАРГОШТАН** برگاشتن *кӯн., ниг.* **баргардон(и)дан**.

**БАРГПАЙВАНД** برگ‌پیوند навъе аз пайванди дарахт (*аз ҷумлаи исканапайванд, мугҷапайванд ва г.*).

**БАРГРЕЗ** برگ‌ریز 1. хусусияти дарахтоне, ки баргҳои онҳо дар тирамоҳ мерезанд. 2. барграезанда, дарахти баргрез. 3. *мач.* тирамоҳ, пойиз; **мавсими баргрез**.

**БАРГРЕЗӢ** برگریزی рехтани баргҳои дарахтон; **мавсими баргрезӣ** мавсими хазон; фасли тирамоҳ.

**БАРГРЕЗОН** برگریزان 1. мавсими рехтани барги дарахтон; фасли тирамоҳ, хазон. 2. рехтани баргҳо.

**БАРГРЕЗОНӢ** برگ ریزانی амалиёти химиявии махсус барои ба таври сунъӣ резонидани баргҳои ғӯзапоя, дефолиатсия.

**БАРГУЗАРДАН** برگذردن боло бурдан, боло гузоштан.

**БАРГУЗАРОН(И)ДАН** برگذراندن//برگذرانیدن *ниг.* **гузарондан**.

**БАРГУЗАШТАН** برگذشتن гузашта рафтан, тай шудан, сипарӣ шудан, болотар рафтан, фаротар рафтан.

**БАРГУЗИДА** برگزیده *сифати феълии замони гузашта аз* **баргузидан**; сара, мақбул, писандида; интихобшуда, мунтахаб: **ашъори баргузида**.

**БАРГУЗИДАГӢ** برگزیدگی интихобшуда, баргузида будан.

**БАРГУЗИДАН** برگزیدن сара кардан, интихоб кардан, тарҷеҳ додан, бартар шумурдан.

**БАРГУЗИДАНӢ** برگزیدنی шоистаи бар-гузидан, шоистаи интихоб, интихобшуданӣ.

**БАРГУЗОР** برگذار **:баргузор кардан (шудан)** барпо кардан (шудан): **маҷлис дар чойхона баргузор шуд**.

**БАРГУЗОРӢ** برگذاری барпо кардан, баргузор кардан: **баргузории ҷашн**.

**БАРГУЗОШТАН** برگذاشتن анҷом додан; баргузоридан.

**БАРГУМОШТАН** برگماشتن маъмур (вакил) кардан, таъйин намудани касе ба коре.

**БАРГУСТУВОН** برگستوان *кҳн.* 1. пӯшиши зиреҳдори ҷанговарон. 2. болопӯши зиреҳдор барои муҳофизати асп ё фил дар рӯзи ҷанг.

**БАРГУСТУВОНВАР** برگستوانور *ниг.* **баргустувондор**.

**БАРГУСТУВОНДОР** برگستواندار дорои баргустувон, пӯшидашуда бо баргустувон.

**БАРГУФТАН** برگفتن гуфтан, гуфта додан.

**БАРГХӮРАК** برگخورک *зоол.* як навъ гамбуски зараррасон, ки барги растаниҳоро мехӯрад.

**БАРГЧА** برگچه *шакли тасгири* **барг**.

**БАРГШАКЛ** برگشکل шабеҳи барг, монанди барг (-и дарахт).

**БАРҒАЛАТ** برغلط саҳван, иштибоҳан, бархато; нодуруст.

**БАРД** *а.* برد *кит.* сармо, хунукӣ, сардӣ: **барди аҷуз** *ниг.* **айём (-и аҷуз)**.

**БАРДА** برده *кит.* 1. асир, бандӣ. 2. ғулом, банда, каниз.

**БАРДАВИДА** بردویده боло давида; саркашида.

**БАРДАВОМ** بردوام 1. доим, мудом, ҳамеша. 2. давомнок, доимӣ, абадӣ, ҷовид: **сулҳи бардавом**.

**БАРДАГӢ** بردگی *кит.* 1. асирӣ, асорат. 2. ғуломӣ, бандагӣ.

**БАРДАДОР** بردهدار ғуломдор, соҳиби барда.

**БАРДАДОРӢ** بردهداری *кит.* ғуломдорӣ, нигоҳ доштани ғулом ба мақсади баҳрабардорӣ аз кори онҳо ва ё харидуфурӯши онҳо.

**БАРДАМ** بردم боқувват, зӯр; солим; **бардам-бардам қадам задан** боқувват ва устувор қадам монда, роҳ рафтан.

**БАРДАМА** بردمه *гуфт.* 1. пуроб, лабрез (*ҷӯй ва каналҳои обёрикунанда*). 2. банди об, дарғот; **обро бардама кардан** банд кардани пеши об.

**БАРДАМИДАН** بردمیدن 1. сабзида баромадан, сабзидан; рӯидан, рустан. 2. зоҳир (намудор) шудан. 3. варам кардан, дамида баромадан, ҷӯшидан. 4. дамидан, пуф кардан.

**БАРДАМӢ** بردمی бардам будан, боқувватӣ; солимию тандурустӣ.

**БАРДАМОНДАН** بردماندن 1. *тарзи бавоситаи феъли* **бардамидан**. 2 . рӯёндан, дамондан.

**БАРДАФУРӮШ** بردهفروش ғуломфурӯш, фурӯшандаи барда.

**БАРДАФУРӮШӢ** بردهفروشی ғуломфурӯшӣ, кор ва амали бардафурӯш, фурӯхтани барда.

**БАРДИДАН** بردیدن *кит.* аз роҳ канор гирифтан, гурехтан, дур шудан.

**БАРДӢ** بردی *бот.* гиёҳе аз ҷинси лух, ки дар об мерӯяд ва аз он коғаз месохтанд.

**БАРДОДАН** بردادن *кит.* 1. додан, супоридан. 2. сар додан, раҳо кардан. 3. шумурдан, як-як ном бурдан.

**бардор** بردار 1. *асоси замони ҳозира аз* **бардоштан**; **бардор-бардор кардан** (*касеро*) *маҷ.* бисёр таърифу тавсиф кардан; аз ҳад зиёд иззату ҳурмат намудан касеро. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* бардоранда, тобовар, оташбардор, оббардор.

**БАРДОР** I بردار *таър.* ғаллае, ки дар вақти бардоштани ҳосил аз хирман бо ғалберҳо чен карда, ба давлат дода мешуд; **бардор карда гирифтан** аз сари хирман бо ғалбер андоза карда гирифтани ғалла.

**БАРДОР** II بردار бордор, мевадор, босамар, ҳосилдор.

**БАРДОРАНДА** بردارنده 1. он ки чизеро намебардорад, болобар, болобаранда, болокунанда; ҳамлкунанда, ҳомил.

**БАРДОРОН(И)ДАН** برداراندن//بردارانیدن *тарзи бавоситаи феъли* **бардоштан**.

**БАРДОРУЗАН** بردارزن зарбу лат дар натиҷаи роҳ рафтани воситаи нақлиёт дар ҷойҳои ноҳамвор: **бардорузан кардан**.

**бардошт** برداشت *асоси замони гузашта* аз **бардоштан; дар як бардошт** дар як дафъа бардоштан, яку якбора.

**БАРДОШТ** برداشت 1. сабр, тоқат, бурдборӣ, таҳаммул; **бардошт кардан** сабр (тоқат) кардан, тоб овардан, истодагарӣ кардан. 2. натиҷагирӣ, хулосабарорӣ.

**БАРДОШТА** برداشته *сифати феълии замони гузашта аз* **бардоштан;** парваришшуда, ба

мақоми баланд расида, мақомаш болорафта: **бардошта тавонистан**.

**БАРДОШТАН** برداشتن 1. боло (баланд) кардан (*чизеро аз замин*); **пардаро бардоштан** пардаро кушодан (боз кардан); **сар бардоштан** а) сар боло кардан; б) *маҷ*. ба по хестан, шӯридан, исён кардан. 2. нигоҳ доштан, қуввати нигоҳдорӣ доштан. 3. ба даст гирифтан; **байрақ бардоштан** байрақ ба даст гирифтан, байрақ афроштан. 4. бурдан; гирифта бурдан. 5. ғундоштан, ҷамъ овардан: **хирман (ҳосил) бардоштан**. 6. *маҷ*. хӯрдан, нӯшидан (*бештар шаробро*); **қадаҳ бардоштан** шароб нӯшидан, май хӯрдан. 7. *маҷ*. тоб овардан, тоқат кардан: **нози** *касеро* **бардоштан** ба инҷиқии касе тоб овардан, нозу нузи касеро қабул кардан. 8. мувофиқи тобу тавон наомадан; номувофиқ омадан. 9. *маҷ*. гӯру чӯб кардан, дафн кардан. 10. *ҳамчун феъли ёридиҳанда бо исмҳо феълҳои таркибӣ сохта, ба маънои* оғоз ёфтан, сар шудани амал *истифода мешавад:* **гиря бардоштан**, **мағал бардоштан**, **нола бардоштан**, **фарёд бардоштан**, **ғавғо бардоштан; масъала бардоштан** масъала ба миён гузоштан, мавриди баҳс қарор додани масъала; **санг набардоштан** тарозузеркун набудан, вазн надоштан; **қарз бардоштан** қарз гирифтан; **об бардоштани биринҷ** обро ба худ кашидани биринҷ (*дар вақти палав пухтан*); **хароҷоти** *чизеро* **бардоштан** ба хароҷоти чизе басанда будан, масрафи кореро таъмин карда тавонистан; ◊ **дил бардоштан** майл доштан ба чизе, чизеро дил кашидан; **дили** *касеро* **бардоштан** таскин додан, тасаллӣ додан ба касе; **қадам бардоштан** роҳ рафтан, ҳаракат кардан; **аз миён бардоштан** аз байн бурдан, маҳв кардан; **мушт бардоштан ба сари** *касе* таҳдид кардан; касеро бо мушт задан; **ҷоеро ба сар бардоштан** баланд садо баровардан; сахт доду фарёд кардан, шӯру ғавғо кардан.

**БАРДОШТАНӢ** برداشتنی қобили бардоштан, доштани имконияти бардоштан.

**БАРДОШТНОК** برداشتناک тобовар, босабр, бурдбор.

**БАРДОШТНОПАЗИР** برداشتناپذیر тоқатфарсо, берун аз қувваи таҳаммул.

**БАРДОШТНОПАЗИРӢ** برداشتناپذیری тоқатфарсоӣ, берун будан аз қувваи таҳаммул.

**БАРДОШТТАЛАБ** برداشتطلب коре, ки сабру тоқат талаб мекунад, тоқатталаб.

**БАРДУРӮҒ** بردروغ 1. аз ҳақиқат дур, ба асли воқеӣ хилоф, бофта: **гапи бардурӯғ**, **сухани бардурӯғ**, **ҷавоби бардурӯғ**. 2. сохтакорона, рӯякӣ; қалбакӣ: **санади бардурӯғ**, **шоҳиди бардурӯғ**.

**БАРДӮХТАН** بردوختن дӯхтан, бахя кардан, васла кардан.

**БАРЕЗАН//БАРЕҶАН** بریزن//بریجن *кит*. танӯр, танӯри заминӣ.

**БАРЕШИМ** بریشم *шакли дигари* **абрешим**.

**БАРЕШИМЗАН** بریشمزن навозандаи созҳои торӣ, ки зеҳи онҳо абрешимист.

**БАРЕШИМИН** بریشمین *ниг*. **абрешимӣ**.

**БАРЕШИМКАШӢ** بریشمکشی *ниг*. **абрешимкашӣ**.

**БАРЕШИМНАВОЗ** بریشمنواز торнавоз, мутриб, навозанда.

**БАРЗ** برز *кит*. кишоварзӣ, кишт, зироат.

**БАРЗАГАР** برزهگر *ниг*. **барзгар**.

**БАРЗАГОВ** برزهگاو гови кории деҳқонӣ (*аз ҷинси нар*), гови ҷуфтӣ, варзгов.

**БАРЗАДАН** برزدن 1. боло кардан ва қатъ кардан (-и остини курта, домани ҷома); **доман барзадан** ду бари ҷомаро боло карда, ба камарбанд халонда мондан; **остин барзадан** а) остин боло кардан; б) *маҷ*. тайёр шудан, омода шудан (*барои иҷрои коре*). 2. барафроштан.

**БАРЗАКОР**برزهکار *ниг*. **барзгар**.

**БАРЗАН** برزن *кит*. кӯча, гузар, маҳалла, майдони идгоҳи шаҳр.

**БАРЗАНГӢ** برزنگی 1. одами калонҷуссаи сиёҳи бадҳайбат. 2. *фолк*. дев.

**БАРЗАНДА** برزنده амалкунанда ба коре.

**БАРЗАХ** برزخ *кҳн*. 1. чизе, ки дар миёни ду чизи ба ҳам муқобил воқеъ бошад; миёни ду чизи зидди якдигар. 2. *ниг*. **гардана**. 3. гарданаи миёни ду баҳр.

**БАРЗГАР** برزگر деҳқон, кишоварз, зироаткор.

**БАРЗГАРӢ** برزگری деҳқонӣ, кишоварзӣ, зи-

роаткорӣ.

**БАРЗГОР** برزگار *ниг.* **барзгар**.

**БАРЗИГАР** برزیگر *ниг.* **барзгар**.

**БАРЗИГАРӢ** برزیگری *ниг.* **барзгарӣ**.

**БАРЗИДАН** برزیدن *кит.* амал кардан, анҷом додан, кардан.

**БАРЗИЁД** برزیاد 1. аз ҳадди даркорӣ зиёд, зиёдатӣ; **барзиёд мондан** зиёдатӣ кардан; боқӣ мондан. 2. нодаркор, беҳуда. 3. ба таври илова, иловатан, изофатан; **вақти барзиёд доштан** *маҷ.* фурсат доштан, вақти холӣ аз кор доштан.

**БАРЗИЁДӢ** برزیادی *гуфт.* чизи зиёдӣ кардашуда; чизи зиёдатӣ.

**БАРЗИШ** برزش 1. аз феъли барзидан, кишт, зироат. 2. амал кардан.

**БАРЗКӮҲ** برزکوه кӯҳи бузург, кӯҳи бисёр баланд.

**БАРИД** *а.* برید *кит.* қосид, пайк, номарасон, номабар, чопар; **бариди фалак** *киноя аз* Моҳ ва сайёраи Зуҳал.

**БАРИДӢ** بریدی *кит.* 1. шуғли барид, номабарӣ, номарасонӣ. 2. роҳбарии баридон, раёсати гурӯҳе, ки ба фиристодани номаҳои даркор машғул буданд.

**БАРИЗОФА** براضافه изофатан, ба таври илова, иловатан.

**БАРИЙ** *лот.* بری унсури химиявӣ, ки аз як навъ филизи нарми нуқратоб иборат аст.

**БАРИҚ** *а.* بریق *кит.* дурахшон, тобон.

**БАРИЛОВА** برعلاوه *ниг.* **баризофа**.

**БАРИН I** برین *пасоянд* 1. монанди…, мисли…, чун. 2. гӯё, мисли ин ки, монанди ин ки. 3. тахмин, қариб, наздик; ◊ **саг барин ҷон додан** ба хориву зорӣ мурдан.

**БАРИН II** برین *кит.* баланд, боло; бартар, баландтарин, болотарин; **чархи барин** осмони баланд.

**БАРИНАК** برینک *гуфт.*, *шакли хурдӣ ва навозиши* **барин** I, 1.

**БАРИСТОДАН** براستادن *кит.* қоим шудан, устуворӣ намудан, сахт истодан.

**БАРИТОН** *ю.* بریتان *мус.* 1. овози миёнаи мардона (*байни тенор ва бас*); ҳофизи дорои чунин овоз. 2. сози нафасии лабгирдор.

**БАРӢ** بری *кит.* пок, холӣ, дур аз чизе, орӣ; **барӣ аз айб будан** айб надоштан, беайб будан; **барӣ шудан аз** *чизе* пок шудан аз чизе.

**БАРКАМОЛ** برکمال 1. бакамолрасида, бавоярасида. 2. комил, расо; мукаммал.

**БАРКАМОЛӢ** برکمالی 1. дар ҳолати камол. 2. комил будан, мукаммалӣ.

**БАРКАНДА** برکنده кандашуда, канда.

**БАРКАНДАН** برکندن 1. кандан, гусастан; решакан кардан. 2. аз байн бурдан, нобуд кардан. 3. буридан, қатъ кардан. 4. баровардан: **либос баркандан**. 5. бардоштан ва берун кардан.

**БАРКАНОР** برکنار 1. беалоқа, дур, бепайвастагӣ. 2. маъзул, сабукдӯш, озод шудан; **барканор кардан** дур кардан, сабукдӯш кардан.

**БАРКАНОРӢ** برکناری сабукдӯш шудан, озод шудан, маъзул шудан.

**БАРКАРДАН** برکردن *кит.* 1. бардоштан, боло бардоштан. 2. баровардан, берун баровардан, ба боло баровардан. 3. аз бар кардан, аз ёд кардан, ҳифз кардан; **чароғ баркардан** чароғ равшан кардан, чароғ афрӯхтан.

**баркаш** برکش *асоси замони ҳозира аз* **баркашидан**.

**БАРКАШ I** برکش 1. баркашидан, вазн кардан. 2. миқдори як бор вазн кардан. 3. *маҷ.* вазн, эътибор.

**БАРКАШ II** برکش рост кардани бинои чӯбкорӣ ё пойдеворе, ки ягон тарафаш фурӯ рафтааст ё каҷ шудааст.

**БАРКАШАНДА** برکشنده болобаранда, кашанда; *маҷ.* тараққидиҳанда.

**БАРКАШИДА** برکشیده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **баркашидан**; баркашида шудан. 2. болорафта, қадкашида, баланд. 3. аз ғилоф беруноварда, аз наём кашида.

**БАРКАШИДАН** برکشیدن 1. вазн кардан бо тарозу, баркаш кардан, санҷидан. 2. бо ягон зарф андоза кардан. 3. кашидан, нақш кардан. 4. берун овардан, хориҷ кардан, кашида

баровардан.

**БАРКУШОДАН//БАРКУШУДАН** برکشادن//برکشودن кушодан, боз кардан; **даҳон баркушодан (баркушудан)** *маҷ.* ба гап сар кардан, ба гуфтор шурӯъ кардан.

**БАРКӮФТАН** برکوفتن *ниг.* **кӯфтан**.

**БАРҚ** *а.* برق 1. ҳодисаи табиат, ки дар натиҷаи бархӯрдани зарядҳои мусбату манфии абрҳо бо дурахшиш ва таркиши босуръату пурқувват дар фазои Замин ба амал меояд, аловак, озарахш, соиқа: **барқ задан** *касеро* (*чизеро*) сӯзондан ва ё ҳалок кардани барқ чизе ё касеро. 2. нерӯи барқ, қувваи барқ; **ҳисобкунаки барқ** олати ҳисобкунандаи масрафи қувваи барқ, барқҳисобкунак. 3. *маҷ.* равшанӣ, нур; дурахш, ҷило: **барқи маърифат; барқ задан** *маҷ.* дурахшидан, тобидан, ҷило додан.

**БАРҚА** برقه 1. *физ.* заряд. 2. дурахш, шарора.

**БАРҚАД** برقد 1. ба андозаи қад, мутобиқи андозаи қад; **кӯрпаи барқад** кӯрпаи мувофиқи қад. 2. дароз, қадбаланд: **ҷавони барқад**.

**БАРҚАДОР** برقه‌دار *физ.* дорои заряд.

**БАРҚАНДОЗ** برقانداز 1. *кӯҳ.* паронандаи асбоби қадимии ҳарбии даҳанпур (*монанди тӯп*), шамхолчӣ. 2. тобон, рахшон, дурахшанда.

**БАРҚАРОР** برقرار пойдор, устувор, побарҷо, барпо; **барқарор будан** а) пойдор будан, устувор будан; б) ҳукмфармо будан; **барқарор кардан // барқарор намудан** а) барпо намудан; ташкил кардан, таъсис намудан; б) аз нав ба вуҷуд овардан; **барқарор мондан** пойдор (устувор) мондан; ба қарори собиқ мондан; **барқарор сохтан** *ниг.* **барқарор кардан; барқарор шудан (гардидан, гаштан)** а) устувор шудан, пойдор гаштан; б) таъсис ёфтан, ташкил шудан; в) барпо (ҳукмфармо) шудан.

**БАРҚАРОРӢ** برقراری барқарор будан; устуворӣ, пойдорӣ.

**БАРҚАРОРКУНАНДА** برقرارکننده *сифати феълии замони ҳозира* аз **барқарор кардан**.

**БАРҚАСД** برقصد *ниг.* **қасдан**.

**БАРҚАСДОНА** برقصدانه аз рӯи қасд, бомақсад.

**БАРҚАФШОН** برقافشان *маҷ.* дурахшон, пурнур, нурпош.

**БАРҚАФШОНӢ** برقافشانی барқафшон будан, нурпошӣ: **барқафшонӣ кардан**.

**БАРҚВОР** برقوار 1. мисли барқ, барқмонанд, барқосо. 2. *маҷ.* бисёр тез, тезу тунд, ниҳоят босуръат.

**БАРҚГАРДОН** برق‌گردان *нав.* милаи оҳанӣ, ки дар болои бомҳои биноҳои баланд гузошта шуда, бо сим ё воситаи дигар ба замин васл мегардад, то ба воситаи ба замин гузарондани нерӯи барқу соиқа дар биноҳо сӯхтор ба амал наояд.

**БАРҚГИР** برق‌گیر *ниг.* **барқгардон**.

**БАРҚГИРИФТА** برق‌گرفته барқзада, дучори барқгирифтагӣ шудан.

**БАРҚГИРИФТАГӢ** برق‌گرفتگی ҳолате, ки маъмулан баъд аз задани барқ ва ҷараён гирифтани барқ дар бадан пайдо мешавад ва таъсири зиёд ба асаб расонда, боиси сӯхтагӣ ва марг мегардад.

**БАРҚДАРМОНӢ** برق‌درمانی *нав.* ҳар гуна табобат ва дармон ба воситаи ҷараёни барқ.

**БАРҚДОР** برق‌دار 1. дорои ҷараёни барқ. 2. дорои рӯшноӣ ва дурахшиш.

**БАРҚДУЗДӢ** برق‌دزدی бе иҷозат истифода бурдан аз нерӯи барқ.

**БАРҚЗАБОН** برق‌زبان *маҷ.* теззабон, тезкалом, оташинсухан.

**БАРҚЗАДА** برق‌زده *сифати феълии замони гузашта аз* **барқ задан**; он ки мавриди задани ҷараёни барқ ё соиқа қарор гирифтааст.

**БАРҚЗАДАГӢ** برق‌زدگی он ки ё он чи (*дарахт, сохтмон*), ки дучори зарбаи соиқа, барқ шудааст.

**БАРҚЗАНАНДА** برق‌زننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **барқ задан**. 2. дурахшанда, тобон, пурнур.

**БАРҚЗАНӢ** برق‌زنی 1. *исми амал аз* **барқ задан**; дурахшидани барқ. 2. *маҷ.* дурахшандагӣ, тобандагӣ.

**БАРҚЗАНОН** برق‌زنان *феъли ҳоли замони ҳозира аз* **барқ задан**.

**БАРҚИЯ** برقیه *нав.* мактуби таъҷилӣ, ки тавассути почта ба унвони касе ё ҷое фиристода мешавад, телеграмма.

**БАРҚӢ** برقی *мансуб ба* **барқ; нерӯгоҳи барқӣ** муассисаи истеҳсолкунандаи қувваи барқ, стансияи электрикӣ (*кҳн.*); **чароғи барқӣ** чароғи аз қувваи барқ даргиранда.

**БАРҚКОР** برقکار он ки васоили барқиро насб ва тармим мекунад, электрик.

**БАРҚКОРӢ** برقکاری 1. насб ва таъмири васоили барқӣ. 2. амал ва шуғли барққор.

**БАРҚМОНАНД** برقمانند мисли барқ, барқосо.

**БАРҚМОҲӢ** برقماهی навъи моҳӣ, ки барои ҳимояи худ ва муқобилият ба душман дар бадани худ нерӯи барқ тавлид мекунанд, мормоҳиҳо ва суфрамоҳиҳо.

**БАРҚНАМО** برقنما *нав.* асбоб барои ташхиси вуҷуд доштани барқ дар бадан ё ҷисм.

**БАРҚНИГОҲ** برقنگاه касе, ки нигоҳи тезу таъсирнок дорад, тезнигоҳ.

**БАРҚНОК** برقناک дурахшанда, дурахшон, тобишнок.

**БАРҚОСО** برقآسا монанди барқ, зуд, тез; шитобон.

**БАРҚПАРВОЗ** برقپرواز тезпарвоз, тездав.

**БАРҚПОШ** برقپاش дурахшанда, ҷилодиҳанда.

**БАРҚРАВ** برقرو *ниг.* **барқрафтор**.

**БАРҚРАСОНӢ** برقرسانی барқ расондан, ё таъмини барқ, эҷоди шабака барои таъмини барқ.

**БАРҚРАФТОР** برقرفتار тезрафтор, тезрав.

**БАРҚСАНҶ** برقسنج асбоби санҷиш ва андозагирии барқ, электрометр.

**БАРҚСИФАТ** برقصفت *ниг.* **барқосо**.

**БАРҚҶАВЛОН** برقجولان тезрафтор; чуст, чолок.

**БАРЛОС** *т.* برلاس номи яке аз қабилаҳои туркнажод.

**БАРМ** برم *кҳн.* оби кӯле, ки аз борон пайдо шудааст, толоб, истахр.

**БАРМАЛО** برملا ошкор, фош, равшан, возеҳ.

**БАРМАНИШ** برمنش *кит.* худписанд, мағрур, мутакаббир.

**БАРМАНИШӢ** برمنشی худписандӣ, ғурур, такаббур.

**БАРМАХИДАН** برمخیدن *кит.* мухолифат ва нофармонӣ кардан ба падару модар; оқ шудан, осӣ шудан.

**БАРМАҲАЛ** برمحل *ниг.* **барвақт**.

**БАРМОЛИДАН** برمالیدن *кит.* 1. молидан. 2. барзадан, боло кардани остин ва эзорпоча.

**БАРНАВИШТАН//БАРНАБИШТАН** برنوشتن//برنبشتن *кит., ниг.* **навиштан; остин барнабиштан** *киноя аз* остин барзада ба коре омода шудан.

**БАРНИГОРИДАН** برنگاریدن нигоридан, навиштан.

**БАРНИҲОДАН** برنهادن 1. ниҳодан, гузоштани чизе ба болои чизе. 2. ба қароре омадан, азм кардан, тасмим гирифтан.

**БАРНИШАСТАН** برنشستن 1. нишастан. 2. савор шудан ба асп.

**БАРНИШОНДАН** برنشاندن 1. *феъли бавоситаи* **барнишастан**; шинондан, нишондан. 2. савор кардан.

**БАРНО** برنا ҷавон, навҷавон; *муқоб.* **пир**; **пиру барно** пиру ҷавон, хурду калон; ҳама; ◊ **бахти барно** бахти нек, хушбахтӣ.

**БАРНОДИЛ** برنادل калонсоли (кӯҳансоли) ҷавондил.

**БАРНОӢ** برنایی ҷавонӣ, навҷавонӣ.

**БАРНОМА** برنامه 1. зикри номгӯи корҳое, ки бо ҳадафи муайян ба анҷом мерасанд: **барномаи дарозмуддат, барномаи миёнамӯҳлат, барномаи кӯтоҳмуддат; барнома сохтан, барнома тартиб додан**. 2. феҳристи мундариҷаи гуфторҳои радио, намоишҳои театр, кино ва телевизион, программа. 3. маҷмӯаи дастурҳое, ки дар компютер дода мешавад ва онро компютер бо тартиб иҷро мекунад. 4. он чи ки дар ибтидои китоб ё рисолае навишта мешавад; муқаддима, сарсухан *ва г.*

**БАРНОМАВӢ** برناموی *мансуб ба* **барнома**; аз рӯи барномаву нақша иҷрошаванда.

**БАРНОМАГУЗОРӢ** برنامه‌گذاری *ниг.* **барномасозӣ**.

**БАРНОМАНАВИС** برنامه‌نویس он ки барнома менависад ё таҳия мекунад: **барномановиси компютер**.

**БАРНОМАНАВИСӢ** برنامه‌نویسی амали навиштани барнома.

**БАРНОМАРЕЗӢ** برنامه‌ریزی *ниг.* **барномасозӣ**.

**БАРНОМАСАНҶӢ** برنامه‌سنجی баррасӣ ва санҷиши барномаҳо пеш аз мавриди амал қарор гирифтан.

**БАРНОМАСОЗ** برنامه‌ساز созандаи барнома, таҳиякунанда ва тартибдиҳандаи барномаву нақшаи коре.

**БАРНОМАСОЗӢ** برنامه‌سازی *исми амал аз* **барнома сохтан**; таҳияи барнома, тартиб додани барнома.

**БАРНОС** برناس *кит.* ғофил, нодон.

**БАРОАТ** I *а.* برائت *кит.* 1. пок шудан аз айб ва тӯҳмат. 2. покӣ, бегуноҳӣ, беайбӣ.

**БАРОАТ** II *а.* براعت *кит.* фазилат, бартарӣ, маҳорат, кордонӣ; **бароати истеҳлол** *адш.* чанд лафзе ё иборае дар ибтидои китоб ё қасидаву маснавӣ, ки мақсад ва мароми шоирро маълум мегардонад.

**БАРОАТУТТАЛАБ** *а.* براعت‌الطلب *адш.* дар қасида талаб кардани чизе аз мадҳшаванда бо забони ширин ва ибораҳои дилпазир.

**БАРОБАР** برابر 1. як хел, якранг, яксон. 2. ҳамто, назир; мисл, монанд; наздик. 3. мусовӣ, муодил, мутобиқ. 4. рӯ ба рӯ, муқобил. 5. якҷоя, ҳамроҳ. 6. якбора, дар як вақт, дар айни замон; **баробари**… а) дар як вақт бо…; б) ҳамоно, ҳамон замон; **дар баробари…** дар қатори…; **дар баробари ин // баробари ин (ҳамин)** дар айни замон; дар зимн, зимнан; **баробар будан** *ба касе (дар сол)* ҳамсинну ҳамсол будан бо касе; **баробар кардан** а) ҳамвазн гардонидан, ҳамсон намудан; б) ҳисоби додугирифтро яктарафа кардан; в) додан, пардохтан, адо кардан (*-и қарз*); **баробар кардани** *касе* **бо** *касе* дар як саф ҷой додан, дар як қатор гузоштани касе бо касе; **баробар омадан** мувофиқат кардан, дуруст (мувофиқ) омадан; **баробар омада натавонистан** ҳариф шуда натавонистан, муқобилат карда натавонистан; **баробар шудан бо** *касе* а) дар коре расида гирифтан ба касе, мусовӣ шудан, ҳамсон шудан; б) *маҷ.* муқобилият нишон додан ба касе; ҷангу ҷидол кардан бо касе; **ба (бо) ҷон баробар** азиз, гиромӣ; **бо ҳама баробар будан** бо ҳама як хел муносибат доштан; ҳамаро ба як чашм дидан; **дар ҳама ҷо хурӯс баробар чеғ мезанад** (*мақ.*) вазъият дар ҳама ҷо як хел аст; **об ба лаби ҷӯ(й) баробар шудан** хуб анҷом ёфтани кор, рӯ ба беҳбудӣ овардани кор.

**БАРОБАРАНДОЗА** برابراندازه аз ҷиҳати андоза яксела, аз ҷиҳати миқёсу миқдор яксела.

**БАРОБАРВАЗН** برابروزن аз ҷиҳати вазн мусовӣ, ҳамвазн.

**БАРОБАРВАЗНӢ** برابروزنی баробарвазн будан; ҳамвазнӣ.

**БАРОБАРӢ** برابری 1. ҳамвазнӣ, ҳамсонӣ, мутобиқат. 2. вазъияти мардум дар ҷамъият, ки дар ҳуқуқи сиёсӣ ва шаҳрвандӣ ҳама мусовӣ мебошанд, мусовот. 3. нисфӣ, нимӣ.

**БАРОБАРКУНҶА** برابرکنجه *ҳанд.* дорои кунҷҳои яксела.

**БАРОБАРҚИМАТ** برابرقیمت аз ҷиҳати қимат яксела, дорои баҳои ба ҳам монанд.

**БАРОБАРҚУВВА** برابرقوّه дорои қувваи баробар, қувваи яксела дошта.

**БАРОБАРМАЪНО** برابرمعنی дорои маънои яксела, ҳаммаъно.

**БАРОБАРМАЪНОӢ** برابرمعنایی баробармаъно будан, якселагии маъно, ҳаммаъноӣ.

**БАРОБАРМИҚДОР** برابرمقدار аз ҷиҳати миқдор мусовӣ, аз рӯи шумор фарқнадошта.

**БАРОБАРНИҲОДА** برابرنهاده *ниг.* **баробарӣ**, эквивалент.

**БАРОБАРО** برآبرا :**дар айни баробаро** ҳангоми баромадан, дар ҳини хориҷ шудан аз ҷое.

**БАРОБАРПАҲЛУ** برابرپهلو *ҳанд.* дорои паҳлуҳои баробар аз ҷиҳати дарозӣ: **секунҷаи баробарпаҳлу**.

**БАРОБАРСУРЪАТ** برابرسرعت дорои суръати яксела, аз ҷиҳати суръат мусовӣ.

**БАРОБАРТАРАФ** برابرطرف *ҳанд.* дорои тарафҳои яксела аз ҷиҳати дарозӣ: **секунҷаи**

**барaобартараф**.

**БАРОБАРТАЪСИР** برابرتأثیر *физ.* дорои таъсири якхела.

**БАРОБАРҲАҶМ** برابرحجم аз ҷиҳати ҳаҷм яксон, ҳаҷми якхела дошта.

**БАРОБАРҲУҚУҚ** برابرحقوق дорои ҳуқуқи якхела, аз ҷиҳати ҳуқуқ яксон.

**БАРОБАРҲУҚУҚӢ** برابرحقوقی баробарҳуқуқ будан, дорои ҳуқуқи якхела будан, аз ҷиҳати ҳуқуқ яксон будан.

**БАРОБАРШАВӢ** برابرشوی *исми амал аз* **баробар шудан**; мусовӣ шудан.

**БАРОВАР** برآور *ниг.* **боровар**.

**БАРОВАРАНДА** براورنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **баровардан**; хориҷкунанда, берункунанда. 2. равонкунанда, иҷобаткунанда.

**баровард** براورد *асоси замони гузашта аз* **баровардан**.

**БАРОВАРД** براورد ҳисобу китоби пешакӣ, смета; ◊ **бо бароварду фуровард** (*гап задан ё шеър хондан*) а) бо риояи задаҳо ва тақозои маънӣ баланду паст хондани шеър; б) муқаддимапардозии дуру дароз дар гуфтор.

**БАРОВАРДА** براورده 1. *сифати феълии замони гузашта аз феъли* **баровардан**. 2. шахси ба мартабаи баланд расида, парваришёфта, тарбиятшуда. 3. бинои баланд, ҳисор, қалъа. 4. маҳсулот, моли истеҳсолшуда.

**БАРОВАРДАН** برآوردن 1. берун кардан, берун овардан; *муқоб.* **даровардан**; **овоз баровардан** садо додан, гап задан; **сар баровардан** а) сар берун кардан; б) пайдо шудан, намоён гардидан. 2. хориҷ намудан, бадар кардан; **аз кор баровардан** а) аз кор хориҷ кардан; б) *маҷ.* вайрон кардан, хароб кардан, ғайри қобили истифода сохтан. 3. боло бурдан, баланд кардан; бурдан; **ба кор баровардан** ба сари кор ҳозир кардан, ба кор сафарбар намудан. 4. истеҳсол кардан. 5. хонда ба маънояш сарфаҳм рафтан; хонда маънидод карда тавонистан. 6. нашр кардан: **рӯзнома баровардан** варақа баровардан; **духтар баровардан** духтарро бо тӯю сур ба шавҳар додан; **мондагиро баровардан** осори хастагиро бартараф кардан, мондагиро рафъ кардан, дам гирифтан; **мурда баровардан** мурдаро гӯрондан, дафн кардан, гӯру чӯб кардан; **нағзак баровардан** ба бемории нағзак дучор шудан; **об баровардан** ҷӯю канал канда, об ҷорӣ кунондан; **савод баровардан** саводнок кардан (шудан), соҳиби савод кардан (шудан); **таб баровардан** баланд шудани ҳарорати бадан, таб кардан; **хулоса баровардан** ба хулосае омадан, натиҷа гирифтан; **хун баровардан** а) ҷорӣ ё резондани хун ба воситаи раг задан; б) *д.* ҷонвареро кушта, худоӣ ё садақа кардан; **ҳоҷат баровардан** эҳтиёҷи касеро рафъ кардан; **аз гумони бад баровардан** рафъи бадгумонӣ кардан, бадгумониро бартараф сохтан; **аз дил** *чизе* **баровардан** чизеро фикр карда ёфтан; чизеро аз худ бофтан; ◊ **ном баровардан** машҳур шудан, шӯҳрат ёфтан, маъруф гардидан, овоза баровардан; **ғубори дил баровардан** кудуратро бартараф кардан; ғаму ғуссаро фаромӯш кардан, **қусури** *чизеро* **баровардан** товони чизеро гирифтан, талофӣ кардан, ба бадали коре (чизе) коре кардан, ки ҷои онро гирад; **ҷони** *касеро* **баровардан** а) ҳалок (нобуд) кардан; б) бисёр ба танг овардан; **аз роҳ баровардан** бероҳа кардан, аз роҳ задан; касеро гумроҳ кардан, ба корҳои бад талқин намудан; **аз хотир (ёд) баровардан** фаромӯш кардан; **гард аз** *чизе* **баровардан** несту нобуд кардан, маҳв кардан; **димор аз рӯзгори** *касе* **баровардан** касеро куштан, маҳв кардан, ҳалок намудан; *чизеро* **аз дили** *касе* **баровардан** а) ногуворӣ ва ё нохуширо фаромӯш кунондан; б) кинаро бартараф кунондан.

**БАРОВАРДАНӢ** برآوردنی шоистаи баровардан, дархӯри баровардан.

**БАРОВЕХТАН** برآویختن 1. овехтан, овезон кардан. 2. ба ҳам дарафтодан, ҷаспу ҷидол кардан, афтударафт кардан.

**БАРОДАР** برادر 1. писари як падару модар нисбат ба писару духтарони дигари он падару модар, додар; **бародари зоида** ду писари аз як модар зоидашуда, бародари модаряк; **ҷумҳурии бародар** ҷумҳурии муносибати дӯстии чун бародар дошта. 2. *мухотаб барои муроҷиати эҳтиромона нисбат ба мардон.*

**БАРОДАРАНДАР** برادراندر бародари падаряки

модарҷудо, ё баръакс, бародари ӯгай.

**БАРОДАРВОР** برادروار мисли бародар, бародарона.

**БАРОДАРЗАН** برادرزن *ниг.* **додарарӯс**.

**БАРОДАРЗОДА** برادرزاده фарзанди бародар, додарзода.

**БАРОДАРӢ** برادری бародар будан; дӯст будан чун бародар; **аз рӯи бародарӣ** дӯстона, самимона.

**БАРОДАРКУШ** برادرکش кушандаи бародар; **ҷанги бародаркуш**.

**БАРОДАРКУШӢ** برادرکشی якдигарро куштани бародарҳо; **ҷанги бародаркушӣ** *маҷ.* ҷанги дохилии як халқ.

**БАРОДАРОНА** برادرانه 1. ба таври бародар, чун бародар, ба монанди бародар. 2. самимӣ, самимона, дӯстона; **ёрии бародарона** кумаки беғарази дӯстона.

**БАРОДАРХОНД** برادرخواند марде, ки аз тарафи дӯсте ба сифати бародар шинохта шудааст, додархонд.

**БАРОДАРХОНДА** برادرخوانده *ниг.* **бародархонд**.

**БАРОДАРХОНДАГӢ** برادرخواندگی бародархонда будан, вазъ ва ҳолати бародархонда.

**БАРОДАРШАҲР** برادرشهر *нав.* шаҳре, ки бо шаҳри дигаре аҳду паймони дӯстии бародарона бастааст.

**БАРОДАРШӮЙ** برادرشوی *ниг.* **додаршӯ**.

**бароз** براز *асоси замони ҳозира аз* **барозидан**.

**БАРОЗ** I براز *кит.* зебоӣ, зинат ва некӯӣ, оростагӣ.

**БАРОЗ** II براز *кит.* чӯбе, ки дар кафшдӯзӣ миёни қолиби кафш *ва г.* мегузоранд; фона.

**БАРОЗАНДА** برازنده *кит. сифати феълии замони ҳозира аз* **барозидан**; зебанда; шоиста, сазовор.

**БАРОЗАНДАГӢ** برازندگی барозанда будан, шоистагӣ.

**БАРОЗИДАН** برازیدن *кит.* 1. хуб ва зебо кардан, оростан ва зинат додан. 2. сазовор будан, шоиста будан, зебанда будан.

**БАРОИ** برای *пешванд* 1. баҳри…, аз баҳри…; дар роҳи…; бо мақсади…: **барои гирифтани ҷои якум мубориза бурдан**; **барои ту** аз баҳри ту, ба хотири ту. 2. ба; **барои чӣ?** аз чӣ сабаб?; **барои як сол** ба муддати як сол; **барои ҳамин** ба ин сабаб, бинобар ин; **барои ин ки**… *пайвандак* бо сабаби ин ки…; бо мақсади ин ки…

**БАРОҚ** *а.* براق *гуфт.* 1. ало, алобуло. 2. пахмоқ; сермӯй; **абрӯвони бароқ** абрӯвони сермӯи парешон.

**БАРОҚАБРӮ** براقابرو он ки абрӯвони бароқ дорад.

**баромад** برآمد *асоси замони гузашта аз* **баромадан**; **баромад-баромади офтоб** қариби вақти тулӯи офтоб.

**БАРОМАД** I برآمد 1. *гуфт.* баромадан ба минбар барои суханронӣ (*дар маҷлису ҷамъомадҳо*); вориди саҳна шудан барои сурудхонӣ, раққосӣ (*дар консерту намоишҳо*); **баромад кардан** сухан кардан ё суруд хондан дар маҷлис ё консертҳо. 2. сарф. харҷ; масориф, хароҷот; **даромаду баромад** дахлу харҷ. 3. мансубият ба табақаҳои ҷамъиятӣ (*аз рӯи касбу кори падару модар*): **баромади иҷтимоӣ**.

**БАРОМАД** II برآمد баромадгоҳ; дари баромад.

**БАРОМАДА** برآمده *сифати феълии замони гузашта аз* **баромадан** (*ки бештар калимаҳои мураккаб месозад*: **азистеъмолбаромада** истеъмолнашаванда, ғайри мустаъмал, аз доираи истеъмол беруншуда; **азкорбаромада** қобилияти кориашро гумкарда; заиф ва оҷизшуда: **чашмони азкорбаромада**).

**БАРОМАДАГӢ** برآمدگی *гуфт.* 1. *шакли дигари сифати феълии замони гузашта аз* **баромадан**. 2. дӯнг, дӯнгӣ, барҷастагӣ, бахше аз як чиз, ки аз қисматҳои дигар болотар, барҷастатар аст.

**БАРОМАДАН** برآمدن 1. берун шудан, хориҷ гаштан, бадар рафтан; *муқоб.* **даромадан**. 2. боло шудан, баланд шудан (*бо зина, ба бом*). 3. *тиб.* аз ҷо беҷо шудани устухони дасту пой *ва г.* 4. рафтан: **ба саёҳат баромадан, ба кӯча баромадан; ба кор баромадан** ба кор рафтан; ҳозир шудан ба сари кор; **ба пешвози** *касе* **баромадан** ба пешвози касе рафтан, касеро пешвоз гирифтан, истиқбол кардан. 5. раси-

дан. 6. рӯидан, рустан; сабз шудан. 7. шунида шудан, ба гӯш расидан, баланд шудан (*мас.*, *садо*). 8. пайдо шудан, ёфт шудан. 9. намудор гаштан. 10. тулӯъ кардан: **офтоб баромадан**. 11. сар задан, ба вуқуъ пайвастан. 12. содир шудан (*мас.*, *фармон, қарор*). 13. зуҳур кардан. 14. *бо сифати феълӣ омада, пуррагӣ ва тамомияти амалро ифода мекунад:* **дида баромадан**, **хонда баромадан; зӯр баромадан** ғолиб шудан, ғалаба кардан; **хеш баромадан** *бо касе* маълум шудани хешигарии ҳамдигар; **ғолиб баромадан** ғалаба кардан, нусрат ёфтан, музаффар гардидан; **аз гапи** *касе* **баромадан** мувофиқи гуфтаи касе амал накардан; нофармонӣ кардан; **аз даҳон баромадан** гуфта шудан, гуфтан; **аз ин мебарояд, ки**… аз ин маълум мешавад, ки…; аз ин ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки…; **аз кор баромадан** а) аз кор хориҷ шудан; б) *маҷ.* вайрон шудан, корношоям шудан; қобилияти кориро гум кардан; ба кор наомадани чизе; **аз хотир баромадан** фаромӯш шудан, аз ёд рафтан; **аз ӯҳдаи коре баромадан** лаёқати иҷрои кореро доштан; кореро иҷро карда тавонистан; **ба шавҳар баромадан** бо марде ақди никоҳ бастан, зани касе шудан; **гапи** *касе* **рост баромадан** тасдиқ шудани дурустии сухани касе; ◊ **гап аз як ҷо баромадан** як хел будани фикру андешаи чанд кас, ба ҳам мувофиқат кардани фикру гуфтори ду кас; **дуд аз ҷигар баромадан** сахт андӯҳгин шудан.

**БАРОМАДАНГОҲ** برامدنگاه *маҷ.* маҳалли тулӯъ, машриқ, ҷои баромадани офтоб.

**БАРОМАДГОҲ** برامدگاه ҷои баромад, маҳалли хориҷ шудан.

**БАРОМЕТР** *ю.* برامتر *ниг.* **фишорсанҷ**.

**БАРОМЕХТАН** برآميختن 1. *ниг.* **омехтан**. 2. ба ҳамдигар дарафтидан, даст ба гиребон шудан, часпу талош кардан.

**БАРОМУДАН** برآمودن *кит.* 1. омудан, пур шудан, саршор шудан; пур кардан, саршор кардан. 2. омехтан, омезиш додан, дарҳам кардан.

**БАРОН** *фр.* بران яке аз унвонҳои дворянӣ дар баъзе кишварҳои Аврупо.

**БАРОНҒОР** برانغار *кит.* самти рости лашкар.

**БАРОНДАН** براندن *тарзи бавоситаи феъли* **бурдан**; **хоби** *касеро* **барондан** касеро хобондан.

**барор** برار *асоси замони ҳозира аз* **баровардан**.

**БАРОР** برار пешрафт, муваффақият; омади кор; **авҷу барор** нашъунамо; ривоҷу равнақ; **барор гирифтани (кардани) кор** омад кардан, бо муваффақият анҷом ёфтани коре.

**БАРОРАНДА** برارنده *ниг.* **бароваранда**; истеҳсолкунанда, тавлидкунанда.

**БАРОРИШ** برارش *исми феълӣ аз* **баровардан**; қисме аз ягон нашрия.

**БАРОРНОК** برارناک бобарор, бомуваффақият, муваффақиятомез; пешрав.

**БАРОРНОКӢ** برارناکی баробарӣ, бомуваффақиятӣ, муваффақиятнокӣ; пешравӣ.

**БАРОРОСТА** برآراسته *ниг.* **ороста, ороишдида**.

**БАРОРОСТАН** برآراستن *кит., ниг.* **оростан**.

**БАРОСУДАН** برآسودن осудан, дам гирифтан.

**БАРОТ I** *а.* برات *кит.* 1. хати озодӣ, ҳуҷҷати авфи гуноҳ; бароти наҷот, раҳмнома, хати озодӣ. 2. ҳуҷҷате, ки дар асоси он пулу мол ба касе гузаронида мешавад, ҳавола.

**БАРОТ II** برات номи рӯзи 15-уми моҳи шаъбон – моҳи 8-уми солшумории ҳиҷрии қамарӣ.

**БАРОҲАТ** به‌راحت 1. орому осуда; бофароғат. 2. осудаҳолона, оромона; фориғболона.

**БАРОҲИМА** *а.* براهمه *ҷ.* **бараҳман**.

**БАРОҲИН** *а.* براهين *ҷ.* **бурҳон**.

**БАРОҲЕХТАН** براهيختن *кит.* аз ғилоф берун кашидан, баровардан (шамшерро).

**БАРОШУФТАН** برآشفتن дар ғазаб омадан, хашмгин шудан, шӯридан; ба ҳаяҷон омадан.

**БАРОЯНД** براىند хосияти таъсири омилҳои гуногун; **бароянди нерӯҳои сиёсӣ**.

**БАРОЯНДА** براينده *сифати феълии замони ҳозира аз* **баромадан: марди аз хона бароянда, ҷавони ба дарахт бароянда**.

**БАРПАРИДАН** برپريدن ба парвоз омадан, паридан, парвоз кардан.

**БАРПО** برپا 1. пойдор, барқарор; устувор. 2. барафрохта, қоим; **барпо кардан (намудан)** а) бунёд кардан, сохтан, бино кардан; таъсис

кардан; б) оростан (базм ё чашнеро); в) хезондан, бардоштан (*мас., фитна, ошӯб, гавго ва г.*); **барпо шудан (гардидан, гаштан)** а) сохта шудан, бунёд гардидан, бино шудан; қомат рост кардан; б) таъсис ёфтан, ташкил шудан; в) баргузор гардидан, доир шудан; г) рӯй додан, ба вуқӯъ омадан.

**БАРПОКУНАНДА** برپاکننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **барпо кардан**; 1. созанда, бинокор; бунёдгар. 2. ташкилкунанда, муассис.

**БАРР** *а.* بر *ниг.* **бар(р)**.

**БАР(Р)А** برّه 1. бачаи гӯсфанд; бачаи оҳу; **барраи ширмаст** барраи фарбеҳи ширхор. 2. *маҷ.* тару тоза, ботароват: **пиёзи барра**, **бодиринги барра**; ◊ **бурҷи барра** *ниг.* **ҳамал (бурҷи ҳамал)**.

**БАРРАБИРЁН** برّهبریان барраи бирён, гӯшти бирёнкардашудаи барра.

**БАРРАГОВ** برهگاو *кит.* **гӯсола**.

**БАРРАЗОӢ** برهزائی барра зоидани меш.

**БАРРАКАБОБ** برّهکباب кабоби аз гӯшти барраи дар буғ ва ё дар сих пухта.

**БАРРАПИЁЗ** برّهپیاز пиёзи кабуди тару тоза.

**БАРРАСИДАН** بررّسیدن 1. расидан, даромадан. 2. тафтиш кардан, кофтуков кардан. 3. иттилоъ ҳосил кардан, хабар ёфтан, фаҳмидан.

**БАРРАСӢ** بررّسی таҳқиқ, омӯзиш, мутолиа: **баррасӣ кардан**, **баррасӣ шудан**.

**БАРРАЧА** برّهچه 1. *шакли тасгири* **барра**. 2. *маҷ.* азиз, меҳрубон (*одатан ҳангоми навозиш ва дӯстдории фарзанди хурдсол мегӯянд*).

**БАРРЕЛ** *англ.* بریل воҳиди паймоиши ҷисмҳои пошхӯранда ва моеъ дар баъзе мамлакатҳо (*мас., баррели нафт дар Амрико ба 159 л. баробар аст*).

**БАРРӢ** برّی *мансуб ба* **бар(р)**; биёбонӣ, даштӣ.

**БАРРОҚ** *а.* برّاق барқзананда, дурахшон, тобон; **барфи барроқ** барфи сафеди ҷилодиҳанда; **чашмони барроқ** чашмони оташбори пурнур.

**БАРРУСТАН** بررستن *кит.* рӯида боло гирифтан, сабзида қад афроштан, қад баланд намудан.

**БАРРӮИДАН** برروییدن *кит.* рӯидан, рустан.

**БАРС** برس **:гурсу барс** *гуфт.* танумандӣ боқувват.

**БАРСАМ** برسم *кҳн.* химчаҳо ё шохчаҳое аз дарахти газ ё анор, ки рӯҳониёни зардуштӣ дар мавриди иҷрои маросими динӣ ба даст мегирифтанд.

**БАРСОМ** برسام *тиб.* варами шуш, зотулҷанб (плеврит).

**БАРСОХТАН** برساختن *кит.* сохтан, омода кардан, ҳозир гардонидан.

**БАРТАН** برتن *кит.* мағрур, мутакаббир; *муқоб.* **фурӯтан**.

**БАРТАНГ** برتنگ 1. тасмае, ки бо он зинро бар пушти асп мебананд. 2. мавзее дар Бадахшони Тоҷикистон.

**БАРТАНГӢ** برتنگی 1. *мансуб ба* **Бартанг** (ноҳия). 2. сокини Бартанг.

**БАРТАНИДАН** برتنیدن *ниг.* **танидан**.

**БАРТАНӢ** برتنی мағрурӣ, такаббур, *муқоб.* **фурӯтанӣ**.

**БАРТАР** برتر 1. болотар, авлотар: **бартар донистан**. 2. баландтар; *муқоб.* **фурӯтар**. 3. онсӯтар, фаротар.

**БАРТАРАФ** برطرف **:бартараф кардан (намудан)** барҳам додан, нест кардан, аз байн бурдан; рафъ кардан; дур кардан; **бартараф шудан (гардидан)** барҳам хӯрдан, нест шудан, аз байн рафтан; яктарафа шудан.

**БАРТАРАФКУНАНДА** برطرفکننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **бартараф кардан;** барҳамдиҳанда, несткунанда, азбайнбаранда, рафъкунанда.

**БАРТАРАФШУДА** برطرفشده *сифати феълии замони гузашта аз* **бартараф шудан**; барҳамхӯрда, нестшуда, рафъгардида.

**БАРТАРИДОШТА** برتریداشته *сифати феълии замони гузашта аз* **бартарӣ доштан**.

**БАРТАРИН** برترین 1. болотарин аз ҷиҳати мақом, синну сол *ва г.* 2. дорои болотарин макон, болотарин.

**БАРТАРИҶӮӢ** برتریجویی бартарӣ ҷустан дар мақоми корҳои дигар аз дигарон, худро аз

дигарон баландтар донистан, авлавиятҷӯӣ.

**БАРТАРӢ** برتری 1. бартар будан, афзалият, фавқият; имтиёз; **бартарӣ доштан** афзалият доштан, фазилат доштан, беҳтар будан. 2. баландӣ, иртифоъ.

**БАРТЕР** *англ.* برتیر мубодилаи бевоситаи молу чиз ё ягон хизмат дар байни муассисаҳову давлатҳо.

**БАРТОФТАН** برتافتن 1. тоб додан, тофтан. 2. баргардонидан, дур кардан.

**БАРӮЙХАТГИРӢ** برویخط گیری *дурустаи* **рӯйхатгирӣ**.

**БАРӮМАНД** برومند 1. нерӯи қавӣ, рашид. 2. боровар, мевадор. 3. ҳосилхез, обод. 4. комёб, комраво.

**БАРФ** برف резаҳои майдаи оби яхбаста, ки дар зимистони хунук меборад; **аз барф гурехта ба борон дучор шуд** (*зарб.*); **барфи лаклакӣ** барфе, ки порча-порча, паға-паға меборад; **барфи тар** барфе, ки вақти боридан аз мулоимии ҳаво ба замин расидан замон об шуда меравад; **барф барин сафед** а) ниҳоят сафед, томоман сафед; б) *мач.* сафеду зебо; ◊ **барфи сар** мӯи сафеди сар.

**БАРФАК** برفک *шакли тасгири* **барф**. 1. зарраҳои яхӣ, ки бар асари дохил шудани об ба дохили яхкунаки яхдон дар канорҳои он пайдо мешавад. 2. духтари барфии афсонавӣ, ки гӯё бо омадани баҳор об шуда мерафтааст, набераи бобои барфӣ.

**БАРФАКТАРОШ** برفکتراش абзори пластикӣ, ки бо он барфакҳои яхдонро тоза мекунанд.

**БАРФАНДОЗ** برفانداز 1. бориши шадиди барф. 2. ҷои партоби барф.

**БАРФАРОЗАНДА** برفرازنده болобар, болобаранда, баландкунанда.

**БАРФАРОЗИДАН** برفرازیدن *ниг.* **барафрохтан**.

**БАРФАРОХТАН** برفراختن *ниг.* **барафрохтан**.

**БАРФАРОШТА** برفراشته *ниг.* **барафрошта**.

**БАРФАРОШТАН** برفراشتن *ниг.* **барафрошта**н.

**БАРФБЕЛКУНӢ** برفبیلکنی аз барф тоза кардани рӯи ҳавлӣ, болои бом *ва г.* (*бо бели махсус*).

**БАРФБОЗӢ** برفبازی 1. бозиест, ки бачагон якдигарро шӯхикунон бо барф мезананд ва ё ба барф меғелонанд. 2. бозии парандагон, ки худро ба барф межӯлонанд ё барфро ба ҳар тараф мепошанд.

**БАРФГИР** برفگیر хусусияти замин, минтақа, кӯҳ ё ҳар чизе, ки бо сабаби сардӣ ё баландии зиёд ё соягӣ доимо ё вақти зиёде барфпӯш аст.

**БАРФГИРИФТА** برفگرفته пӯшида бо барф, барфпӯш.

**БАРФИКАНДАН** برفکندن *ниг.* **барафкандан**.

**БАРФИН** برفین 1. *ниг.* **барфӣ**. 2. барфдор, барфнок; пурбарф.

**БАРФИШОНДАН** برفشاندن *ниг.* **барафшондан**.

**БАРФӢ** برفی 1. аз барф сохташуда; **одами барфӣ** ҳайкале, ки бачаҳо бозикунон аз барф месозанд. 2. мактуби манзуме, ки дӯстон, одатан вақти боридани барфи аввал, номаълум ба якдигар месупоранд ва дар он мактуб оростани зиёфате бо зикри номҳои таом ва обу мева хоҳиш карда мешавад; агар ҳангоми супоридан соҳиби мактуб ба даст афтад, маҷбур аст, ки айни он зиёфатро худи ӯ ташкил кунад: **хати барфӣ**. 3. зиёфате, ки ба муносибати бохти хати барфӣ ороста мешавад; **бобои барфӣ** *ниг.* **бобо**.

**БАРФКӮБ** برفکوب **:боди барфкӯб** боди тунде, ки барфро ба дару девор мекӯбад.

**БАРФКӮРӢ** برفکوری *тиб.* осеб дидани чашм бар асари рӯзҳои офтобӣ муддати зиёд нигоҳ кардан ба барф.

**БАРФНИГОҲДОРӢ** برفنگاهداری *кишов.* ба таври сунъӣ нигоҳ доштани барфҳои зимистон дар заминҳои кишт барои намӣ.

**БАРФОБ** برفآب 1. обе, ки дар натиҷаи об шудани барф ба вуҷуд меояд, оби барф. 2. обе, ки барои сарду хунук шудан миқдоре барф ба он мепартоянд.

**БАРФОЛУД(А)** برفآلود(ه) ба барф олуда, бо барф омехта, барфаралаш: **боди барфолуд, борони барфолуд, тӯфони барфолуд**.

**БАРФОМЕХТА** برف‌آمیخته махлут бо барф, барфолуд.

**БАРФОСО** برف‌آسا барфвор, монанди барф сафед, ниҳоят сафед.

**БАРФПОК** برف‌پاک *ниг.* **барфпоккун**.

**БАРФПОККУН** برف‌پاک‌کن василае барои тоза кардани шишаҳои пеш ва ақиби мошин аз барфу борон ва ғайра, барфпок.

**БАРФПОРА** برف پاره *ниг.* **барфреза**.

**БАРФПӮШ** برف‌پوش бо барф пӯшонидашуда.

**БАРФРЕЗА** برف‌ریزه зарраҳои барф, пораҳои барф.

**БАРФРЕЗОН** برف‌ریزان 1. ҳангоми резиши барф. 2. *маҷ.* зимистон.

**БАРФРӮБ** برف‌روب рӯбандаи барфҳои кӯчаву хиёбонҳо *ва г.*

**БАРФРӮБА** برف‌روبه *ниг.* **барфтӯда**.

**БАРФРӮБӢ** برف‌روبی рӯфтани барф, тоза кардани барфи кӯчаву роҳҳо; **мошини барфрӯбӣ** мошини махсус барои рӯфта ҷамъ карда бурдани барфҳои кӯчаву роҳҳо, майдонҳои фурудгоҳ *ва г.*

**БАРФСАНҶ** برف‌سنج асбоб барои муайян кардани ғафсии қабати барф.

**БАРФТОЗАКУНАК** برف‌تازه‌کنک тозакунандаи барфҳои пиёдароҳҳову хиёбонҳо, поккунандаи барфҳо; мошини барфрӯбӣ.

**БАРФТӮДА** برف‌توده тӯдаи барф, анбӯҳи барф, ки аз бориши зиёд ба вуҷуд омада ва ё аз кӯҳҳо кӯчида афтода бошад.

**БАРФТӮФОН** برف‌طوفان тӯфони барфолуд.

**БАРФУЗУДАН** برفزودن афзудан, зиёд кардан.

**БАРФУРӮЗОНДАН** برفروزاندن афрӯхтан, шӯълавар кардан.

**БАРФУРӮХТАН** برفروختن *ниг.* **барафрӯхтан**.

**БАРХ** برخ 1. бахш, қисмат. 2. баҳра, насиб.

**БАРХАТО** برخطا саҳван, иштибоҳан; ба ғайри қасд.

**БАРХАФЧ** برخفچ *кит., ниг.* **кобус**.

**БАРХЕ** برخی 1. *ниг.* **баъзе**. 2. андаке; ҳиссае, қисме.

**БАРХЕЗОН(И)ДАН** برخیزاندن//برخیزانیدن *тарзи бавоситаи* **бархестан**; 1. ба по хезондан, аз ҷо баланд кардан. 2. *маҷ.* ба шӯр овардан, шӯрондан.

**БАРХЕСТАН//БАРХОСТАН** برخیستن//برخاستن 1. ба по хестан, баланд шудан аз ҷо. 2. бедор шудан аз хоб, аз ҷои хоб хестан. 3. қиём кардан, исён бардоштан; **ба по бархостан** қиём кардан, исён бардоштан**; ба ҷанг бархостан** омодаи ҷанг шудан; **валвала бархестан** шӯру ошӯб барпо шудан; **ҷанг бархестан** ҷанг рӯй додан, ҳарб сар шудан.

**БАРХИЛОФ** برخلاف хилофи чизе ё касе.

**БАРХИРА** برخیره *кит.* беақлона, бетамизона, беадабона.

**БАРХӢ** برخی *кит.* фидо, қурбонӣ, фидя.

**БАРХОН** برخان теппаҳои қумӣ, ки бод дар баъзе биёбонҳо дуруст мекунад, ки аз ҷо ба ҷое мекӯчанд.

**БАРХОСТ** برخاست **:нишасту бархост** ништухез; мусоҳибат.

**БАРХОСТА** برخاسته баландшуда, барҷаста.

**БАРХОСТАН** برخاستن *ниг.* **бархестан**.

**БАРХУР** برخور *ниг.* **бархӯр**.

**БАРХУРАНДА** برخورنده нороҳаткунанда, сахт расида, ҳақоратомез.

**БАРХУРДА** برخورده бо ҳам зада, тасодумкарда.

**БАРХУРДОР** برخوردار баҳраманд, баҳравар; комёб; **бархурдор шудан** баҳра бурдан аз чизе, баҳраманд гардидан.

**БАРХУРДОРӢ** برخورداری бархурдор будан; баҳрамандӣ, баҳравардӣ.

**БАРХУРӮШИДАН** برخروشیدن *ниг.* **хурӯшидан**.

**БАРХӮР** برخور *кит.* 1. баробар, ҳамто. 2. *ниг.* **бархурдор**.

**бархӯрд** برخورد *асоси замони гузашта* аз **бархӯрдан**.

**БАРХӮРД** برخورد 1. ба ҳам расидани ду чиз; тасодум. 2. дучоршавӣ, ҳамдигарро дидан, мулоқот. 3. чигунагии рафтор, муносибат. 4. даргирӣ, муноқиша.

**БАРХӮРДАН** برخوردن 1. ба ҳам расидан, ба чизе сахт расидан; задан. 2. дучор шудан, вохӯрдан; **назар ба чизе бархӯрдан** чашм ба чизе афтодан.

**БАРХӮРДОР** برخوردار *ниг.* **бархурдор**.

**БАРХӮРДОРӢ** برخورداری *ниг.* **бархурдорӣ**.

**БАРҲАВО** برهوا 1. баланду васеи хушҳаво. 2. *маҷ.* ҳамашунав, шунаво.

**БАРҲАЁТ** برحیات дар қайди ҳаёт, зинда.

**БАРҲАЗАР** برحذر 1. боэҳтиёт, хабардор. 2. *кит.* тарсу ҳароснок, хавфу бимнок.

**БАРҲАҚ** برحق ҳаққонӣ, дуруст, ҳақдор.

**БАРҲАМ** برهم **:барҳам додан** нест кардан, аз байн бурдан; **барҳам задан** вайрон кардан; несту нобуд кардан, маҳв кардан; **барҳам хӯрдан** аз байн рафтан, нест шудан.

**БАРҲАМДИҲӢ** برهم‌دهی *исми амал аз* **барҳам додан**; нест кардан, аз байн бурдан; қатъ кунондани фаъолияти ширкате ё созмоне.

**БАРҲАМЗАН** برهم‌زن барҳамдиҳанда, несткунанда, азбайнбаранда.

**БАРҲАМХӮРӢ** برهم‌خوری *исми амал аз* **барҳам хӯрдан**; нест шудан; азбайнравӣ; фаъолияти худро қатъ кардани созмоне.

**БАРҲАМХӮРДАГӢ** برهم‌خوردگی ошуфтагӣ, парешонӣ.

**БАРЧ** برچ *ниг.* **барш**.

**БАРЧА** برچه *бот.* андоми модинаи гул, ки дарунтарин бахши гул аст ва аз се бахш – гулола, хома ва тухмдон ташкил шудааст.

**БАРЧАК** برچک *кҳн.* гулбанди дастаи найза ё шамшер.

**БАРЧАСП** برچسپ тамғаи рӯи молҳои тиҷоратӣ, ки дар он ном ва нархи мол, корхонаи истеҳсолкарда *ва г.* зикр ёфтааст.

**БАРЧИДА** برچیده *сифати феълии замони гузашта аз* **барчидан**; интихобшуда, баргузида.

**БАРЧИДАГӢ** برچیدگی барчида шудан; *маҷ.* аз байн рафтани коре, муассисае, низоми давлате *ва г.*

**БАРЧИДАН** برچیدن *ниг.* **чидан**.

**БАРҶАСТА** برجسته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **барҷастан**; ҷаҳида, барҷаста хестан. 2. баромада, болобаромада, дӯнг. 3. *маҷ.* намоён, машҳур, бузург: **олими барҷаста**, **шоири барҷаста**.

**БАРҶАСТАГӢ** برجستگی 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **барҷастан**. 2. баромадагӣ, дӯнгӣ.

**БАРҶАСТАДӮЗӢ** برجسته دوزی навъи гулдӯзӣ ва эҷоди нақшу нигор бо шакли барҷаста ба рӯи порчаҳо, матоъҳо ва монанди инҳо.

**БАРҶАСТАКОР** برجستکار он ки барҷастакорӣ мекунад.

**БАРҶАСТАКОРӢ** برجستکاری амал ва кори барҷастакор.

**БАРҶАСТАН** برجستن 1. ҷаҳидан, (боло) паридан. 2. бархестан, зуд хестан. 3. дамида баромадан.

**БАРҶАСТАРУХСОР** برجسته‌رخسار он ки рухсораҳои бардамида дорад.

**БАРҶАСТАТАБЪ** برجسته‌طبع дорои табъи баланд, соҳиби завқи бадеӣ ва заковат.

**БАРҶАСТАТАБЪӢ** برجسته‌طبعی табъи баланд доштан, соҳиби табъи баланд будан.

**БАРҶАСТАУСТУХОН** برجسته‌استخوان он ки устухонҳои бадани ӯ намоён аст.

**БАРҶАҲИДАН** برجهیدن *ниг.* **барҷастан**.

**БАРҶО** برجا барқарор, пойдор; **барҷо мондан** барқарор мондан, боқӣ мондан.

**БАРҶОМОНДА** برجامانده 1. беморе, ки ба сабаби вазнинии касалиаш аз ҷо хеста наметавонад. 2. нотавон, заиф; **пири барҷомонда** пири фартут, дармонда; **барҷомонда шудан** сусту бемадор шудан.

**БАРҶОМОНДАГӢ** برجاماندگی нотавонӣ, сустӣ, заифӣ.

**БАРҶӮШИДАН** برجوشیدن *кит.* 1. ҷӯшидан, ҷӯш задан. 2. *маҷ.* шӯридан, ошуфтан.

**БАРШ//БАРЧ** برش//برچ маъҷунест кайфовар, ки афюн ва доруворechи дигарро бо асал омехта мепазанд.

**БАРШИКАСТА** برشکسته шикастхӯрда, шикас-

та.

**БАРШИКОФТАН** برشکافتن *ниг.* **шикофтан**.

**БАРШПАЗ** برشپز он ки барш тайёр мекунад, пазандаи барш.

**БАРШУДА** برشده *сифати феълии замони гузашта аз* **бар шудан**.

**БАРШУДАН** برشدن *кит.* боло шудан, боло баромадан, боло рафтан.

**БАРШУКУФТАН** برشکفتن *кит., ниг.* **шукуфтан**.

**БАРШУМУРДАН** برشمردن *кит., ниг.* **шумурдан**.

**БАРШӮРИДАН** برشوریدن *кит.* шӯридан, ба шӯр омадан.

**БАРЪАКС** برعکس вожгуна; билъакс, бархилоф; **баръакси**… бар хилофи…, бар зидди…, алорағми…

**БАРЪАЛО** برعلا ошкоро, рӯирост; аён, ба таври возеҳ, равшан.

**БАРЪАЛОИНА** برعلاینه ба таври возеҳ, равшан.

**БАС** بس 1. басанда, кифоя, кофӣ. 2. басо, басе, бисёр, хеле. 3. фақат, танҳо. 4. чун, азбаски, баски; **зи (аз) бас** чунки, азбаски, аз сабаби ин ки; **бас набуд, ки**…, кифоя набуд, ки …; ҳаминаш намерасид, ки…; кам набуд, ки …; **бас кардан** қатъ кардан, бозистодан; тарки коре кардан.

**БАСАБР** بصبر *ниг.* **босабр**.

**БАСАБРӢ** بصبری *ниг.* **босабрӣ**.

**БАСАБРОНА** بصبرانه *ниг.* **босаброна**.

**БАСАВЛАТ** بصولت *ниг.* **босавлат**.

**БАСАҒДА** بسغده *кит.* тайёр, омода, муҳайё.

**БАСАЗО** بسزا чунон ки бояду шояд, сазовор.

**БАСАЛ** *а.* بصل *кит., ниг.* **пиёз**.

**БАСАЛИҚА** بسلیقه *ниг.* **босалиқа**.

**БАСАНДА** بسنده кифоякунанда, кофӣ, кифоя.

**БАСАР** *а.* بصر 1. чашм, дида. 2. биноӣ, қувваи босира.

**БАСАРИШТА** بسرشته *ниг.* **босаришта**.

**БАСАРФА** بەصرفه сарфакор, эҳтиёткор дар харҷ.

**БАСАРФАГӢ** بصرفگی сарфакорӣ, эҳтиёткорӣ дар харҷ.

**БАСАФО** بصفا *ниг.* **босафо**.

**БАСАҲНАГУЗОРАНДА** بسحنهگذارنده роҳбари ба саҳна гузоштани намоишҳои театрӣ, таҳиягари намоишҳои саҳнавӣ.

**БАСЕ** بسی 1. бисёр, зиёд; ниҳоят; басо. 2. бисёрҳо; борҳо.

**БАСЕЧИДАН** بسیچیدن *кит.* 1. тайёрӣ дидан, омодагӣ гирифтан. 2. қасд кардан, ирода кардан.

**БАСЕҶ** بسیج *ниг.* **басиҷ**.

**БАСЕҶИДАН** بسیجیدن *ниг.* **басечидан**.

**БАСИМ** بسیم *кит.* хандонрӯ, шукуфтарӯй; он ки чеҳраи ӯ ҳамеша моил ба табассум аст.

**БАСИР** *а.* بصیر 1. бино, бинанда. 2. *маҷ.* бофаросат, зирак, дурандеш, доно.

**БАСИРАТ** *а.* بصیرت 1. биноӣ, биниш. 2. *маҷ.* фаросат, зиракӣ, хушфаҳмӣ.

**БАСИТ** *а.* بسیط *кит.* 1. ҷои фарох, паҳновар ва васеъ. 2. сатҳи кураи Замин, рӯи Замин; **басити Замин** рӯи Замин. 3. сода, ғайри мураккаб: **адади басит**. 4. *адш.* номи баҳри шеърест дар вазни арӯз.

**БАСИТЕЗА** بستیزه ситезакорона, бо хашму хусумат: **сухани баситеза**.

**БАСИҶ//БАСИЧ** بسیج//بسیچ 1. омодагии қувваҳои низомӣ; сафарбарии аҳолӣ ба сафи низомиён. 2. ҷиҳоз, асбоб, васоил; **басиҷ додан** васоили иҷрои кореро омода кардан.

**БАСКЕТБОЛ** *англ.* بسکتبال *варз.* бозиест, ки тӯбро дар тарафи ҳариф ба тӯрсабади сари чӯб бо даст мепартоянд, то аз бозӣ хол гиранд.

**БАСКЕТБОЛБОЗ** بسکتبالباز *варз.* он ки дар бозии баскетбол иштирок мекунад, бозигари баскетбол: **дастаи баскетболбозон**.

**БАСКЕТБОЛБОЗӢ** بسکتبالبازی 1. бозии баскетбол. 2. машғулияти баскетболбозон.

**БАСКИ** بسکه *шакли кӯтоҳшудаи* **азбаски**.

**БАСМАБАС** بسمبس *шакли гуфтугӯии* **баҳс ба баҳс**.

**БАСО** بسا *ниг.* **басе**.

**БАСОВАНДА** بساونده *кит.* ламскунанда, молишкунанда.

**БАСОВИДАН** بساویدن *кит.* ламс кардан, молидан, дастмол кардан.

**БАСОМАД** بسآمد шумораи чизе, ки такрор мешавад: **басомади вожаҳо** андоза ва миқдори истифодаи вожаҳо, фаровонӣ.

**БАСОМАДӢ** بسآمدی *марбут ба* **басомад**; бар асоси басомад **фарҳанги басомадӣ**.

**БАСОМОН** بسامان мураттаб; муназзам; басаранҷом.

**БАСОТИН** *а.* بساتین *ҷ.* **бӯстон**.

**БАСТ** I بست 1. баста, банд. 2. як навбат кор, ки баъд аз он коргарон иваз мешаванд; ҳайати корӣ, штат, шумораи кормандон аз рӯи вазифаи корӣ басти кормандони як муассиса. 3. ◊ **қаду баст** а) қаду қомат; б) *киноя аз* ҷусса, тану тӯш.

**БАСТ** II بست *кит.* 1. фарохӣ, вусъат. 2. баён, шарҳ, тафсилот.

**БАСТА** بسته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **бастан**. 2. чизи дар банд кардашуда (*бо таноб, когаз ё матое*). 3. пӯшида, масдуд; *муқоб.* **кушода: дари баста; баста шудан** а) пӯшида шудан, маҳкам шудан; б) фаъолияти худро қатъ кардан, барҳам хӯрдан (-и идорае); **роҳи гурез баста будан** имконияти гурез намондан, мавҷуд набудани имкони фирор. 4. побанд, асир, гирифтор. 5. *маҷ.* вобаста, алоқадор. 6. сахтшуда, яхшуда (*аз ҳолати шуррутӣ*): **шири баста, хуни баста**; ◊ **иштиҳо баста шудан** хоҳиши хӯроккӯрӣ надоштан, иштиҳо надоштан.

**БАСТАБАНД** بستهبند он ки кораш бастабандӣ аст.

**БАСТАБАНДӢ** بستهبندی баста-баста кардан, печонда бастани моле (*мас., ба қуттиҳо, халтачаҳо*).

**БАСТАГӢ** I بستگی 1. *шакли дигари сифати феълии замони гузашта аз* **бастан**. 2. масдудӣ; банд будан: **бастагии роҳ**.

**БАСТАГӢ** II بستگی *кит., ниг.* **вобастагӣ**.

**БАСТАГОН** بستگان 1. касоне, ки бо ҳамдигар хешовандӣ доранд. 2. вобастагон ва атрофиёни шахс, мулозимон.

**БАСТАДАМ** بستهدم *кит.* лаббаста, даҳонбаста, хомӯш.

**БАСТАДАСТ** بستهدست 1. дастбаста. 2. *маҷ.* он ки имкони иҷрои ягон корро надорад.

**БАСТАДАҲОН** بستهدهان даҳонбаста, гунг, забонбаста.

**БАСТАДИЛ** بستهدل дилтанг, озурдахотир.

**БАСТАЗАБОН** بستهزبان забонбаста, гунг, даҳонбаста.

**БАСТАКОР** بستهکار 1. *ниг.* **оҳангсоз**. 2. он ки ба бастабандӣ машғул аст.

**БАСТАМИЁН** بستهمیان он ки доимо омодаи корест, миёнбаста, омода, тайёр.

**БАСТАН** بستن 1. гиреҳ карда пайвастан, нӯг ба нӯг васл кардан (*нӯги ду риштаро*). 2. чизеро ба чизе ё ба ҷое бо банд пайвастан (*аспро ба ароба, харро ба дарахт, барзаговро ба ҷуфт ва г.*); *муқоб.* **кушодан**. 3. печондан (*чизеро ба чизе*); **салла бастан** салларо ба гирди сар печонидан. 4. *тиб.* латтапеч кардан (*мас., ҷароҳатро*); ҷо ба ҷо монда печондан (*ҷои шикастаи устухонро*). 5. банд кардан, масдуд кардан (*мас., пеши обро бо банд*); **роҳи (пеши роҳи)** *касеро* **бастан** монеи кори касе шудан, ба касе имкони иҷрои кореро надодан. 6. пӯшондан (*дару тирезаро*); қулф зада маҳкам кардан; *муқоб.* **боз кардан**. 7. *маҷ.* маҷбур ба бозистодан кардан, қатъи фаъолият намудан(-и идора ё мағозае). 8. баровардан, мева пайдо кардани растание: **муғҷа бастан, ғӯра бастан**, **хӯша бастан**. 9. афсурдан, мунҷамид шудан: **ях бастан, қаймоқ бастан**. 10. мунъақид кардан, қабул кардан (*қарордод, шартнома ё аҳду паймони байни ду кас ё ду давлат*): **аҳднома бастан, шартнома бастан**. 11. *чун феъли ёридиҳанда бо баъзе калимаҳо омада, феъли таркибӣ месозад*: **бор бастан, занҷир бастан, нақш бастан, рахт бастан, саф бастан; манаҳи** *касеро* **бастан** а) бо порчаи суфе сару манаҳи мурдаро печонда бастан (*то ҷоғаш наафтад*); б) *маҷ.* касеро хомӯш кардан, аз гапи бисёр боздоштан; ◊ **дил бастан** а) меҳр мондан, дӯст доштан; б) розӣ шудан, тан додан; **лаб (фурӯ) бастан** хомӯш (сокит) шудан, сукут кардан; **меҳр**

**бастан** дӯст доштан, нағз дидан, дил бастан; **умед бастан** дар умеди касе (чизе) шудан, чашм доштан; умедвор шудан; **чашм (дида) бастан** чашм пӯшидан, нанигаристан; **шеър бастан** шеър бофтан, шеър эҷод кардан; **бори сафар бастан // рахти сафар бастан** сафар кардан, мусофират кардан; рафтан; **даҳони** *касеро* **бастан** касеро хомӯш кунондан, аз гуфтор боздоштан; **забони** *касеро* **бастан** касеро хомӯш кардан, касеро аз сухан бозмонондан; **ба по ҳино бастан** *гуфт.* дар мавриди суст ҳаракат кардани ягон воситаи нақлиёт ё дар иҷрои коре шитоб накардани касе гуфта мешавад; **сӯҳбат қаймоқ бастани** тафсидани сӯҳбат (авҷ гирифт).

**БАСТАНӢ** بستنی 1. қобилияти бастан, басташаванда: **як бастанӣ ангур** *гуфт.* як хӯша ангури ба банд (ток) басташаванда. 2. яхмос, ширях.

**БАСТАПО** بسته‌پا побанд, гирифтор.

**БАСТАТ** *а.* بسطت *кит.* вусъат, паҳноӣ, кушодагӣ, фарохӣ.

**БАСТАШАВАНДА** بسته‌شونده *сифати феълии замони ҳозира аз* **баста шудан**.

**БАСТАШУДА** بسته‌شده *сифати феълии замони гузашта аз* **баста шудан**.

**БАСУРЪАТ** بسرعت *ниг.* **босуръат**.

**БАТ** *а.* بط *кит.* мурғобӣ.

**БАТАДБИР** بتدبیر *ниг.* **ботадбир**.

**БАТАДРИҶ** بتدریج тадриҷан, дараҷа ба дараҷа, оҳиста-оҳиста; андак-андак.

**БАТАКРОР** بتکرار такроран, такрор, ба такрор, ба каррот.

**БАТАЛ** *а.* بطل *кит.* шуҷоъ, далер, диловар.

**БАТАЛИОН** *фр.* بتلیان *ҳ.* қисми низомӣ, ки аз сечор рота ва взводҳои гуногун иборат буда, ба ҳайати полк дохил мешавад.

**БАТАМКИН** بتمکین *ниг.* **ботамкин**.

**БАТАМОМ** بتمام *ниг.* **тамоман**.

**БАТАР** بتر *шакли кӯтоҳшудаи* **бадтар; балову батар** *ниг.* **бало**.

**БАТАРЕЯ** I *фр.* بتریه *ҳ.* қисми артиллерия ё миномётҳо, ки аз якчанд тӯп ё миномёт иборат аст.

**БАТАРЕЯ** II *фр.* بتریه пайвастаи гурӯҳи олот, таҷҳизот *ва г.* барои амали якҷоя, барқанбор: **батареяи аккумуляторӣ**, **батареяи буғӣ, батареяи гармидиҳӣ**.

**БАТАРОВАТ** بطراوت *ниг.* **ботароват**.

**БАТАРТИБ** بترتیب *ниг.* **ботартиб**.

**БАТАРТИБАНДОЗӢ** بترتیب‌اندازی *исми амал аз* **ба тартиб андохтан** *ва* **ба тартиб овардан;** ба тартиб даровардан, муназзам кардан.

**БАТАРТИБОВАРӢ** بترتیب‌آوری *ниг.* **батартибандозӣ**.

**БАТАФСИЛ** بتفصیل *ниг.* **ботафсил**: **маълумоти батафсил**.

**БАТБОТ** بتبات *бот.* як навъ гиёҳи худрӯест аз оилаи торониҳо, ки дар чармгарӣ барои ранг кардан ба кор мебаранд.

**БАТЕЪ** *а.* بطیء *кит.* сустҳаракат, оҳиста, суст.

**БАТИН** *а.* بطین шикамкалон.

**БАТИС(Т)** *фр.* بتس//بتست навъи матои тунук аз нахи пахта ё зағирпоя.

**БАТКӮБ** بطکوب *кҳн.* як навъ хӯроке, ки аз чормағз, шир, мост ва шибит тайёр мекардаанд.

**БАТЛОН** *а.* بطلان [*аслаш* **бутлон**] 1. ботил шудан, зоеъ шудан. 2. лағв; **хати батлон кашидан** *ниг.* **хат**.

**БАТН** *а.* بطن шикам; дарун, андарун.

**БАТНӢ** بطنی *мансуб ба* **батн;** шикамӣ; дарунӣ.

**БАТОБ** بتاب обутоб додашуда: **пӯлоди батоб**.

**БАТОЗ** بتاز тозон, давон.

**БАТОЛАТ** *а.* بطالت танбалӣ, коҳилӣ; бекоргардӣ, беҳудагардӣ.

**БАТСИЛЛА** *лот.* بتسلّه *тиб.* як навъ бактерияи касалиовар, ки чӯбчашакл аст [бамзилла].

**БАТТОЛ** *а.* بطّال 1. *кит.* бекор, танбал. 2. *кит.* дурӯғгӯй, ботилгуфтор. 3. маккор, ҳилагар. 4. бадкирдор, беодоб, авбош, густох: **деви баттол, душмани баттол**.

**БАТТОЛӢ** بطّالی 1. *кит.* бекорӣ, танбалӣ,

коҳилӣ. 2. *кит.* дурӯғгӯӣ. 3. маккорӣ, ҳилагарӣ. 4. бадкирдорӣ; беодобӣ.

**БАТШ** *а.* بطش *кит.* 1. ҳуҷум, ҳамла. 2. қувват, қудрат, зӯр.

**БАУМЕД** باميد *ниг.* **боумед**.

**БАФАЙЗ** بفيض *ниг.* **бофайз**.

**БАФАРОҒАТ**بفراغت *ниг.* **бофароғат**.

**БАФАҲМ** بفهم *ниг.* **бофаҳм**.

**БАФУРҶА** بفرجه *гуфт.* бафурсат; оромона, саросема нашуда.

**БАХАЙР** بخير хуб, нек; чӣ шуд?, тинҷӣ аст? (*ба ин маънӣ бештар ба тариқи савол гуфта мешавад*); **субҳ ба хайр** субҳи шумо бобарор бошад.

**БАХИДАН** بخيدن *кҳн.* ҳаллоҷӣ кардан, пашм ё пахтаро наддофӣ кардан.

**БАХИЁЗА** بخيازه тӯҳфае, ки ба ивази муборакбодии чизи нав медиҳанд.

**БАХИЛ** بخيل 1. *кит.* хасис, мумсик. 2. он ки хушию барори кори дигаронро чашми дидан надорад, ҳасуд, нотавонбин.

**БАХИЛӢ** بخيلی 1. *кит.* хасосат, хасисӣ, мумсикӣ, бухл. 2. ҳасодат, нотавонбинӣ.

**БАХИЯ//БАХЯ** بخيه 1. як навъи дарздӯзӣ, ки дӯхти он аз рӯи шакл дида мешавад, кӯк, чок, дарз, ҷои дӯхташуда. 2. як навъи нақшу нигордӯзӣ; **бахя (бахия) кардан // бахя (бахия) задан** а) кӯк кардан, дӯхтан; б) нақшу нигор дӯхтан. 3. *тиб.* ҳар як аз кӯкҳо ё гиреҳҳо бо истифода аз нахи махсус барои дӯхтани ҷойҳои бурида ё ҷудошудаи бадан, махсусан дар амали ҷарроҳӣ. 4. *тиб.* нахи махсус аз ҷинси абрешим, пластик, филиз ва монанди онҳо, ки дар амали ҷарроҳӣ барои дӯхтани ҷойҳои бурида истифода мешавад; ◊ **бахяи рӯи кор рафтан** ошкор гардидани сир, фош шудани роз; **бахя нахӯрдани гап** таъсир набахшидани гап, нагузаштани гап.

**БАХИЯДӮЗӢ//БАХЯДӮЗӢ** بخيه‌دوزی 1. бахя дӯхтан; амали бахядӯз. 2. нақшу нигори махсус, ки дусӯзана дӯхта мешавад; **мошинаи бахядӯзӣ** мошинае, ки амали бахиядӯзиро анҷом медиҳад.

**БАХМАЛ** بخمل навъи матои патдори ғафс, махмал.

мал.

**БАХМАЛБАРГ** بخمل‌برگ растании кӯҳӣ, ки баргҳои бахмалмонанди сурхи кушод дорад.

**БАХМАЛГУЛ** بخمل‌گل *ниг.* **бӯстонафрӯз**.

**БАХМАЛИН** بخملين 1. *мансуб ба* **бахмал**; ҳар чизи аз бахмал дӯхташуда. 2. *ниг.* **бахмалмонанд**.

**БАХМАЛМОНАНД** بخمل‌مانند 1. шабеҳи бахмал, патдор. 2. нарму нозук (*чун бахмал*).

**БАХНАВ** بخنو *кит.* раъд, тундар.

**БАХОСИЯТ** بخاصيت дорои хосияти нек, некиовар, нек; хушбин, хушпоиқадам.

**БАХСИДАН** بخسيدن *кит.* 1. гудохтан, об кардани филизот. 2. пажмурда шудан, афсурда.

**БАХСОНИДАН** بخسانيدن *тарзи бавоситаи* **бахсидан**.

**БАХТ** بخت дар бовари мардум он чи ба ҳолати пешбининашуда дар зиндагӣ рӯй медиҳад, сарнавишт, иқбол, толеъ, қисмат, насиба, баҳра: **бахти бад, бахти баланд, бахти безавол; ба бахти**… ба толеи…, ба хушбахтии…; **бахти бадфарҷом** бахти бад, толеи паст; **бахти баргашта** бахти номусоид; **бахти фирӯз** иқболи баланд; **бахти шум** бадбахтӣ, толеи бад; ◊ **бахти бедор** толеи нек, иқболи баланд; **бахти сафед** толеи нек, бахти бедор; **бахти сиёҳ** қисмати бад, толеи паст; бадбахтӣ; **бахти хуфта** бахти номусоид, толеи мададнакунанда; **бахт тофтан** толеи касе баландӣ кардан; кори касе омад кардан; **бахт ёр будан** саодатманд будан, хушбахт будан, бахтиёр будан; **бахт сиёҳ будан** носозгор будани бахти касе, паст будани толеи касе; **бахт ба ком будан** бахти касе тофтан; кори касе омад кардан; **бахт ёрӣ надодан** толеъ пастӣ кардан; кор омад накардан; **бахт мададгорат шавад** бахтат ёрӣ диҳад, толеат баландӣ кунад; корат омад кунад; **бахтатро сафед кунад** бахтат кушода шавад, хушбахт шав (*хоҳиши хушбахтӣ*).

**БАХТА** بخته *зоол.* 1. гӯсфанди нари сесола ё чорсола; гӯсфанди нари ахтакарда. 2. пӯстканда, пӯстгирифта.

**БАХТБАРГАШТА** بخت‌برگشته бетолеъ, бадбахт.

**БАХТБАРГАШТАГӢ** بخت‌برگشتگی бахтбаргашта будан.

**БАХТБАСТА** بختبسته он ки бахташ баста шуда бошад.

**БАХТБЕДОР** بختبیدار *ниг.* **бедорбахт**.

**БАХТВАР** بختور бахтиёр, хушбахт.

**БАХТЁР** بختیار *ниг.* **бахтиёр**.

**БАХТИЁР** بختیار хушбахт, саодатманд; бато-леъ, толеъбаланд.

**БАХТИЁРӢ** بختیاری 1. хушбахтӣ, саодатмандӣ. 2. навъи ангури тунукпӯст. 3. номи яке аз халқиятҳои эронӣ.

**БАХТИЁРОНА** بختیارانه хушбахтона, саодат-мандона; толеъбаландона.

**БАХТКУШО** بختکشا он ки он чи бахти касеро боз мекунад.

**БАХТКУШОӢ** بختکشایی кушодани бахт, бахти касеро кушодан.

**БАХТКӮР** بختکور бахтбаста, он ки пеши ко-раш баста бошад, шӯрбахт, кӯрбахт.

**БАХТҚАРИНӢ** بختقرینی *ниг.* **бахтиёр**.

**БАХТНОМА** بختنامه *кит., мағ.* тӯмор, таъвиз, бозубанд.

**БАХТОВАР** بختآور чизе (касе), ки бахту толеи нек меоварад, саодатбахш.

**БАХТОЗМОӢ** بختآزمایی бахтро санҷидан, то-леъро озмудан; **бахтозмоӣ кардан** а) бахтро санҷида дидан; б) таваккал кардан.

**БАХТСАФЕД** بختسفید сафедбахт, некбахт, хушбахт.

**БАХТУР** بختور *ниг.* **бухтур**.

**БАХТФИРӮЗ** بختفیروز некбахт, толеъбаланд, саодатманд.

**БАХТҶУНБОН** بختجنبان васила ва сабабгори кушода шудани бахт.

**БАХТҶӮЙ** بختجوی ҷӯяндаи бахт, он ки дар ҷустуҷӯи хушбахтист.

**БАХУР** بخور *ниг.* **бухур**.

**бахш** بخش 1. *асоси замони ҳозира аз* **бахшидан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* бахшидашуда: **худобахш**, **гаҳворабахш…**

**БАХШ** بخش 1. ҳисса, қисм; шӯъба, боб; **бахш-бахш** қисм-қисм; пора-пора. 2. насиба, қисмат; **бахши…** *гуфт.* аз барои…, барои…; ◊ **оши бахш** *хӯр.* палаве, ки сабзиву гӯшти онро ба тарзи махсус мепазанд.

**БАХШАНДА** بخشنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **бахшидан**. 2. сахӣ, дасткушода, атокунанда, инъомкунанда.

**БАХШАНДАГӢ** بخشندگی бахшанда будан, бахшояндагӣ.

**БАХШГОҲ** بخشگاه *нав., ҷугр.* марзи байни ҳавзаи дарёҳо, ки аз он обҳои атмосферӣ ба тарафҳои гуногун тақсим шуда меравaнд, обтақсимкунак.

**БАХШИДА** بخشیده 1. *сифати феълии замони гу-зашта аз* **бахшидан**. 2. *мағ.* арӯсшаванда, номзадшуда ба шахсе.

**БАХШИДАН** بخشیدن 1. бе иваз додан, ато кар-дан, эҳсон намудан, тӯҳфа кардан, тақдим намудан; додан. 2. тахсис додан, вақф кар-дан. 3. афв кардан, аз гуноҳи касе гузаштан; маъзур доштан; **мебахшед…** *калимаи туфайлӣ* маъзур доред, авф кунед, узрро қабул намоед; **гуноҳи** *касеро* **бахшидан** аз гуноҳи касе гузаштан, афв кардан. 4. аз баҳри чизе гузаштан, аз чизе сарфи назар кардан. 5. *ҳамчун феъли ёридиҳанда дар тар-киби ибораҳо омада, феълҳои* **додан, кардан, расондан** *ва ғайраро иваз карда метавонад:* **илҳом бахшидан, натиҷа бахшидан, нур бах-шидан, рӯҳ бахшидан, сабукӣ бахшидан, таъсир бахшидан, шифо бахшидан, ҳаловат бахшидан** *ва г.;* **ҷон бахшидан** а) зинда кар-дан; ҷоннок кардан; б) ҷони худро фидо кар-дан, ҷони худро нисор сохтан (*барои касе ё чизе*).

**БАХШИДАНӢ** بخشیدنی шоистаи атову бахшиш; шоистаи тақсим кардан.

**БАХШИШ** بخشش 1. *исми феълӣ аз* **бахшидан**; инъом, тӯҳфа, ҳадя. 2. *ҳуқ.* молу мулки худро ройгон дар ихтиёри шахси дигар гузоштани ягон шахс. 3. садақа, хайр: **бахшиш додан**, **бахшиш гирифтан, бахшиш кардан**. **ҳисоб ҷав-ҷав, бахшиш лак-лак** (*зарб.*).

**БАХШИШГИРӢ** بخششگیری *исми амал аз* **бахшиш гирифтан**; инъомгирӣ, тӯҳфагирӣ, ҳадягирӣ; садақагирӣ.

**БАХШИШДИҲӢ** بخششدهی *исми амал аз* **бах-шиш додан**; инъомдиҳӣ, тӯҳфадиҳӣ, ҳадя-

диҳӣ; садақадиҳӣ.

**БАХШИШНОМА** بخششنامه 1. *ҳуқ*. номае, ки ба воситаи он чизе ба касе тӯҳфа мешавад. 2. навишта ё ҳукмномае, ки ба воситаи он гуноҳи касеро афв мекунанд, барот.

**БАХШИШНОПАЗИР** بخششناپذیر ғайри қобили афв, гузаштнопазир.

**БАХШИШСИТОНӢ** بخششستانی *ниг.* **бахшишгирӣ**.

**БАХШӢ** بخشی 1. гӯянда, ҳофиз. 2. *д.* он ки сари беморон рафта, дуохонӣ ва азоимхонӣ мекунад; фолбин.

**БАХШОИДАН** بخشائیدن *ниг.* **бахшидан**.

**БАХШОИШ** بخشایش *ниг.* **бахшиш**.

**БАХШОНАНДА** بخشاننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **бахшидан**. 2. боиси афви гуноҳ шаванда.

**БАХШОНДАН** بخشاندن *кит., тарзи бавоситаи* **бахшидан**; **хуни** *касеро* **бахшондан** восита шудан барои авфи гуноҳи касе.

**БАХШУДАН** بخشودن *ниг.* **бахшидан**.

**БАХЯ** بخیه *ниг.* **бахия**.

**БАХЯДӮЗӢ** بخیهدوزی *ниг.* **бахиядӯзӣ**.

**БАҲАБСГИРӢ** بحبسگیری *исми амал аз* **ба ҳабс гирифтан**; ҳабс кардан, бандӣ кардан.

**БАҲАВО** بهوا *ниг.* **барҳаво**.

**БАҲАВСАЛА** بحوصله *ниг.* **боҳавсала**.

**БАҲАВСАЛАГӢ** بحوصلگی *ниг.* **боҳавсалагӣ**.

**БАҲМАНГОН** بهمنگان *кит.* ҷашни эрониёни қадим ба муносибати як шудани номи рӯз бо номи моҳ дар рӯзи дуюми баҳман.

**БАҲАМЗИД** بهمضد *ниг.* **боҳамзид**.

**БАҲАМОМЕЗӢ** بهمآمیزی *исми амал аз* **ба ҳам омехтан**; омезишёбӣ, омезиш ба якдигар, махлут шудан, омезиш ёфтан, пайванд гардидан, як шудан.

**БАҲАРАКАТДАРОРӢ** بحرکتدراری *исми амал аз* **ба ҳаракат даровардан**; ба кор андохтан (*мас., мотори автомобилро*).

**БАҲ-БАҲ** بهبه *нидои таҳайюр, тааҷҷуб ва таҳсин*; ваҳ-ваҳ, паҳ-паҳ.

**БАҲИМА** *а.* بهیمه *кит.* чорпо, ҳайвон (*аз қабили гов, асп, шутур*).

**БАҲИММАТ** بههّمت *ниг.* **боҳиммат**.

**БАҲИСОБГИРӢ** بحسابگیری *исми амал аз* **ба ҳисоб гирифтан**; рӯйхат кардан (*ашёи корхона ё муассисаеро*), ҳисобгирӣ.

**БАҲӢ** *а.* بهی *кит.* дурахшон, тобон; некӯ, зебо.

**БАҲЛА** بهله *кит.* дасткаши чармин, ки шикорчиён бозу шоҳинро бо он даст мегиранд.

**БАҲЛАДӮЗ** بهلهدوز он ки баҳла медӯзад.

**БАҲМАН** بهمن 1. моҳи ёздаҳуми соли шамсӣ (мутобиқи далв) аст, ки ба 21 январ – 19 феврал рост меояд. 2. гиёҳи дусолаи сабзранг бо гулҳои зардранг, ки решаи он хусусияти табобатӣ дорад; гули баҳман, ки бо номҳои бойчечак ва гули тағорашиканак дар байни мардум маълум аст. 3. рӯзи дувуми ҳар моҳ дар гоҳшумории Эрони қадим. 4. дар фарҳанги бостонӣ фариштаи муваккал ба рӯз ва моҳи баҳман ва нигаҳбони чорвои судманд аст.

**БАҲМОН** بهمان *кит. ҷонишини номуайянӣ* касе, шахсе: **баҳмону бостор, фалону баҳмон**.

**БАҲМУТ** بهموت *зоол.* ҳайвонест бисёр бузургҷуссаи обию хокӣ, аспи обӣ.

**БАҲО** بها 1. қимат, нарх, арзиш; **баҳои хун** чиз ё пуле, ки ба ивази хуни шахси кушташуда ба ворисони ӯ медоданд, хунбаҳо; **баҳо кардан** нарх таъйин кардан, қимат гузоштан, арзиши чизеро муқаррар кардан; **баҳо карда додан** а) нарх монда додан, қимати чизеро таъйин карда додан; б) ба бадали қарз, андоз, маош *ва г.* чизеро ҳисоб карда додан; **баҳо надорад** а) нархаш таъйин нашудааст, қиматаш муқаррар нашудааст; б) *кинояи аз* гаронбаҳо аст, пурқимат аст; азизу арҷманд аст. 2. фикру мулоҳиза, ақида, андеша; **баҳо додан** изҳори ақида кардан, фикр баён кардан, арзёбӣ кардан; **баҳои баланд додан** хеле тақдир кардан; зиёд таърифу тавсиф кардан; **баҳои сазовор дода**н ба таври шоиста тақдир кардан. 3. дараҷагузорӣ ба дониши талаба бо рақамҳо (*мас.*, 2, 3, 4 ва 5) ё бо калимаҳои сифат (бад, миёна, хуб, аъло): **баҳо гузоштан**, **баҳо мондан; дар баҳои**… ба музди …; ба ивази…; **ба баҳои ҷон харидан** ба нархи бисёр гарон харидан; ба даст овардан бо

қимати хеле баланд.

**БАҲО(Ъ)** *а.* بها//بهاء *кит.* 1. равшанӣ, дурахшандагӣ; равнақ. 2. зебоӣ, накӯӣ.

**БАҲОГУЗОР** بهاگذار 1. шахсе, ки қимати чизеро муқаррар мекунад, нархгузор. 2. яке аз аъзои комиссияи имтиҳонот, ки ба дафтарчаи имтиҳонсупоранда баҳо мегузорад.

**БАҲОГУЗОРӢ** بهاگذاری 1. *исми амал аз* **баҳо гузоштан**; нархгузорӣ, муқаррар кардани қимати чизе. 2. ҷараён ва амали гузоштани баҳо ба дониши хонандагон.

**БАҲОДИҲАНДА** بهادهنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **баҳо додан**. 2. он ки қимати чизеро муқаррар мекунад, нархгузор.

**БАҲОДИҲӢ** بهادهی 1. *исми амал аз* **баҳо додан**; муқаррар кардани қимати чизе, нархгузорӣ, баҳогузорӣ. 2. баёни фикру ақида дар хусуси чизе; арзёбӣ; муайян намудани ҷиҳатҳои мусбат ва манфии чизе.

**БАҲОДОР** بهادار *ниг.* **қиматнок**.

**БАҲОДУР** بهادر далер, ҷасур, шуҷоъ; паҳлавон, зӯру тавоно; **баҳодурони меҳнат** қаҳрамонони майдони кор.

**БАҲОДУРӢ** بهادری далерӣ, ҷасурӣ; паҳлавонӣ; қаҳрамонӣ.

**БАҲОДУРОНА** بهادرانه далерона, ҷасурона, шуҷоатмандона; паҳлавонона; **муборизаи баҳодурона** муборизаи ҷасурона; **қадамҳои баҳодурона** қадамҳои калон-калон.

**БАҲОИМ** *а.* بهایم *ҷ.* **баҳима**.

**БАҲОИЯ** بهائیه *д.* таълимоти динӣ (асосгузораш Ҳусайн Алии Нурӣ мулаққаб ба Баҳоуллоҳ), ки дар миёнаи а. XIX дар Ироқ ва Эрон пайдо шуда, як навъ ислоҳоти ислом асоси онро ташкил медиҳад ва пайравонаш бо тарғиби ғояҳои мазҳабии бародарӣ ва забони ягонаи ҷаҳонӣ дини умумибашариро бунёд карданианд.

**БАҲОӢ** بهایی пайрави таълимоти исломии баҳоия.

**БАҲОКУНАНДА** بهاکننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **баҳо кардан**; *ниг.* **баҳодиҳанда**.

**БАҲОМОНӢ** بهامانی *ниг.* **баҳогузорӣ**.

**БАҲОНА** بهانه сабаби беасосу сохта, далели сохта, дастак; тақал (*барои накардани коре*): **баҳона ёфтан, баҳона кардан, баҳона ҷустан; ба (бо) андак баҳона** бо баҳонаи ночизе; бесабаб, беасос; **ба (бо) баҳонае** чизеро дастак карда, тақал карда; **бо (ба) баҳонаи** *чизе* чизеро бардурӯғ сабаб нишон дода, чизеро дастак карда; **бо (ба) ин баҳона** бо ин сабаб; ба ин далели беасос; **бо (ба) ҳар баҳона** бо ҳар гуна сабабҳои беасос.

**БАҲОНАГИР** بهانه‌گیر он ки баҳона меҷӯяд, баҳонаҷӯ.

**БАҲОНАКОВ** بهانه‌کاو *ниг.* **баҳонаҷӯ**.

**БАҲОНАКОВӢ** بهانه‌کاوی *ниг.* **баҳонаҷӯӣ**.

**БАҲОНАТАЛАБ** بهانه‌طلب он ки барои сар кардани ягон ҷанҷолу хархаша сабаб меҷӯяд, моҷароҷӯ.

**БАҲОНАТАЛАБӢ** بهانه‌طلبی баҳонаталаб будан; амали баҳонаталаб.

**БАҲОНАТАРОШӢ** بهانه‌تراشی узр ва далели беҷо овардан бо қасди эрод гирифтан ё худдорӣ аз анҷоми коре.

**БАҲОНАҶӮ(Й)** بهانه‌جو(ی) 1. шахсе, ки барои саркашӣ аз коре, наҳ задани чизе *ва ғ.* далелҳои сохтаву беасос меорад; хӯрдагир. 2. моҷароҷӯ.

**БАҲОНАҶӮӢ** بهانه‌جویی 1. сабабҳои сохтаву узри беасос овардан барои саркашӣ аз коре, наҳ задани чизе *ва ғ.,* хӯрдагирӣ. 2. моҷароҷӯӣ кардан.

**БАҲОР** I بهار 1. яке аз чаҳор фасли сол, ки баъд аз зимистон меояд; **абри баҳор** абри фасли баҳор, ки барои зироат муфид аст; **аввали баҳор** ибтидои фасли баҳор, ки мавсими хеле мусоиди киштукор аст. 2. *киноя аз* авҷи гулгулшукуфӣ; айни ривоҷу равнақи коре: **баҳори озодӣ; баҳори бехазон** а) баҳори ҳамеша сабзу шукуфон; б) айёми гулгулшукуфии беохир, нашъунамои бардавом, ривоҷу равнақи ҷовид; ◊ **баҳори умр // баҳори ҳаёт** солҳои гул-гулшукуфии умр; даври ҷавонӣ.

**БАҲОР** II بهار бутхона, буткада.

**БАҲОРГОҲ** بهارگاه *ниг.* **баҳористон**.

**БАҲОРИЁТ** بهاریات баҳорияҳо, шеърҳо дар

васфи баҳор.

**БАҲОРИКОРӢ** بهاری‌کاری киштукори баҳорӣ, зироати баҳорӣ.

**БАҲОРИСТОН** بهارستان *маҷ.* ҷои пур аз гулу сабзаҳои рангоранг, боғи ниҳоят сабзу хуррам; гулзор, гулистон, бӯстон.

**БАҲОРИЯ** بهاریه *адш.* шеъре, ки ба тавсифи баҳор бахшида шудааст.

**БАҲОРӢ** بهاری 1. *мансуб ба* **баҳор**: **бороні баҳорӣ, гул(ҳо)и баҳорӣ, абри баҳорӣ, насими баҳорӣ, ҳавои (форами) баҳорӣ**. 2. зироат ё ғалладонае, ки дар баҳор мекоранд ва тобистон ё тирамоҳи ҳамон сол мепазад: **гандуми баҳорӣ, ҷави баҳорӣ**; **кишти (киштукори) баҳорӣ** маъракаи киштукор, ки дар фасли баҳор сурат мегирад.

**БАҲОРОН** بهاران фасли баҳор; айёми баҳор, ҳангоми баҳор.

**БАҲОРОНА** بهارانه *мансуб ба* **фасли баҳор**; **либоси баҳорона** пӯшоки хоси фасли баҳор.

**БАҲОРРӮЯ** بهاررویه наздики мавсими баҳор, қариби оғози фасли баҳор.

**БАҲОРХОБ** بهارخواب айвоне, ки ду ё се тарафи он боз аст ва дар фасли гармо дар он ҷо истироҳат мекунанд ё мехобанд.

**БАҲОРХОНА** بهارخانه бутхона, буткада.

**БАҲР** I *а.* بحر дарёи бузурги шӯр, дарёе, ки бо як қисмаш ба уқёнус пайванд буда, қисми дигарашро хушкӣ иҳота кардааст: **баҳри Хазар, баҳри Миёназамин**...; **баҳри муҳит** уқёнус; **баҳру бар** а) об ва хушкӣ; б) *маҷ.* олам, дунё, ҷаҳон. 2. *адш.* гурӯҳи вазни шеър дар арӯз, ки иборат аз 19-то аст: **баҳри ҳазаҷ, баҳри раҷаз, баҳри рамал, баҳри мутақориб** *ва г.*; ◊ **баҳри дили** *касеро* **кушодан** касеро аз ғаму ғусса раҳонидан, фараҳманд кардан, табъи касеро хуш кардан.

**БАҲР** II بهر **:баҳри**... барои... ба ҷиҳати...; **аз баҳри** аз барои...; ◊ **аз баҳри** *чизе* (*касе*) **гузаштан (баромадан)** аз чизе ё касе даст кашидан, сарфи назар кардан, чизе ё касеро тарк намудан.

**БАҲР** III بهر *ниг.* **баҳра**.

**БАҲРА** بهره 1. нафъ, суд, фоида. 2. ҳисса, бахш, қисме аз чизе: **баҳра бардоштан, баҳра бурдан, баҳра гирифтан; баҳра дидан** а) ҳисса гирифтан; нафъ дидан; б) лаззат (ҳаловат) бурдан.

**БАҲРААНДӮЗ** بهره‌اندوز *кит.* баҳрамандшаванда; фоидабаранда.

**БАҲРААНДӮЗӢ** بهره‌اندوزی *кит.* баҳрамандӣ, фоидабарӣ.

**БАҲРАБАР** بهره‌بر *ниг.* **баҳраманд**.

**БАҲРАБАРДОР** بهره‌بردار 1. баҳравар, баҳраманд, бархурдор. 2. мутахассис ё масъули баҳрабардорӣ 2.

**БАҲРАБАРДОРӢ** بهره‌برداری 1. *исми амал аз* **баҳра бардоштан**. 2. *нав.* истифодабарӣ, ба кор даровarda истифода бурдан (*аз корхона, фабрика, роҳу иморатҳо ва г.*).

**БАҲРАБАРӢ** بهره‌بری *ниг.* **баҳрамандӣ**.

**БАҲРАВАР** بهره‌ور *ниг.* **баҳраманд**.

**БАҲРАВАРӢ** بهره‌وری *ниг.* **баҳрамандӣ**.

**БАҲРАЁБ** بهره‌یاب *ниг.* **баҳраманд**.

**БАҲРАЁБӢ** بهره‌یابی *ниг.* баҳрамандӣ.

**БАҲРАЙН** *а.* بحرین 1. дугонаи баҳр. 2. номи кишвар дар халиҷи Форс, ки сарзаминаш нафтхез аст; ◊ **баҳрайни чашм** ду чашми гирён ва ашкрез.

**БАҲРАЙНӢ** بحرینی 1. *мансуб ба* **Баҳрайн**, кишваре дар халиҷи Форс, аҳли Баҳрайн. 2. сохташуда ё баамаломада дар Баҳрайн.

**БАҲРАМАНД** بهره‌مند бархурдор, баҳравар; насибадор; манфиатёфта; **баҳраманд шудан** фоида бурдан, манфиат дидан.

**БАҲРАМАНДӢ** بهره‌مندی баҳраманд будан, бархурдорӣ; манфиат дидан.

**БАҲРАМОН** بهره‌مان *кит.* 1. матои абрешимини ранга. 2. ёқути сурх.

**БАҲРГАРД** بحرگرد *ниг.* **баҳрнаворд**.

**БАҲРГАРДӢ** بحرگردی *ниг.* **баҳрнавардӣ**.

**БАҲРДАСТ** بحردست *кит.* карим, саҳӣ, ҷавонмард.

**БАҲРӢ** بحری *мансуб ба* **баҳр**: **бо роҳи баҳрӣ, сарҳади баҳрӣ**.

**БАҲРНАВАРД** بحرنورد шинокунанда дар баҳрҳо, дарёгард, баҳрпаймо.

**БАҲРНАВАРДӢ** بحرنوردی шуғли баҳрнавард, дарёгардӣ, маллоҳӣ.

**БАҲРНИГОР** بحرنگار *нав.* рассоме, ки манзараҳои баҳрро мекашад.

**БАҲРОМ** بهرام 1. номи тоҷикӣ - форсии сайёраи **Миррих**. 2. *кит.* номи рӯзи бистуми ҳар моҳи шамсӣ дар гоҳшумории форсиён. 3. дар асотири Эрони бостон, фариштаи муваккал ба мусофирон ва рӯзи Баҳром аст.

**БАҲРОМА** بهرامه *кит.* абрешим; **кирми баҳрома** кирми пилла.

**БАҲРОСО** بحرآسا монанди баҳр, ба мисли баҳр.

**БАҲРПАЙМО** بحرپیما *ниг.* **баҳрнавард**.

**БАҲРПАЙМОӢ** بحرپیمایی *ниг.* **баҳрнавардӣ**.

**БАҲС** *а.* بحث 1. гуфтугӯ дар атрофи масъалае, ки ҳар кас фикри худро гузаронаданӣ мешавад, мубоҳиса, мунозира. 2. кашмакаши забонӣ, хархаша, муноқиша, низоъ: **баҳсу мунозира, баҳсу кашмакаш, баҳсу моҷаро, баҳсу талош; баҳс кардан (намудан)** дар хусуси чизе мубоҳиса намудан бо касе; дар хусуси чизе фикру ақидаи худро баён кардани ду тараф; ◊ **баҳс ба баҳс** мусобиқакунон, тараф ба тараф.

**БАҲСАНГЕЗ** بحثانگیز мавриди баҳс, он чи, ки ихтилофи назар дорад.

**БАҲСБАРАНГЕЗ** بحثبرانگیز *ниг.* **баҳсангез**.

**БАҲСМАБАҲС** بحثمبحث *гуфт., аслаш* **баҳс ба баҳс**.

**БАҲСНОК** بحثناک мубоҳисаталаб, ба баҳс эҳтиёҷдошта: **масъалаи баҳснок**.

**БАҲСНОПАЗИР** بحثناپذیر ба баҳс эҳтиёҷнадошта, мубоҳисанопазир; бешубҳа; бегуфтугӯ, эътирознопазир.

**БАҲСНОТАЛАБ** بحثناطلب *ниг.* **баҳснопазир**.

**БАҲСПАЗИР** بحثپذیر *ниг.* **баҳснок**.

**БАҲСТАЛАБ** بحثطلب *ниг.* **баҳснок**.

**БАҲТ** *а.* بحت *кит.* ноб, сода, холис, соф.

**БАҲУДА** بهوده :**баҳудаю беҳуда** даркору нодакор; бемавқеъ.

**БАҲУЗУР** بحضور бемалол, озодона, фориғболона, бароҳат; оромона: **баҳузур хобидан, баҳузур нишастан, баҳузур зиндагонӣ кардан, баҳузур хӯрок хӯрдан**.

**БАҲУШ** بهوش *ниг.* **боҳуш**.

**БАҲҶАТ** *а.* بهجت *кит.* шодӣ, сурур, шодмонӣ, масаррат.

**БАЧА** بچه 1. фарзанди одамизод, кӯдак, тифл. **боғчаи бачагон** муассисае, ки бачаҳо аз сесолагӣ то мактаб рафтан дар он тарбия меёбанд, кӯдакистон; **хонаи бачаҳо** муассисае, ки дар он атфоли бепарастор ва ятим таълиму тарбия мегиранд; **бача партофтан** исқоти ҳамл, тифли нав дар раҳм пайдошударо бо роҳи сунъӣ нобуд кардан. 2. *ҳамчун калимаи мурожиат ба хурдони мардина аз тарафи калонсолон гуфта мешавад:* ҷавон, ҷавонмард. 3. насли ҳайвон: **бачаи шер, бачаи гург**; **бачаю кача** зану фарзанд, аҳли оила; **очаю бача** ду чизи якҷинсаи хурду калон, ки яке аз дигаре ҳаҷман тафовути зиёд дорад; **дар қади зане бача будан** ҳомила (бордор) будани зане; **бача дар камар, номаш Музаффар** (*зарб.*).

**БАЧАБОЗ** بچهباز марде, ки бо марди дигар алоқаи ҷинсӣ мекунад, амрадбоз.

**БАЧАБОЗӢ** بچهبازی амали бачабоз, алоқаи ҷинсии байни ду мард, амрадбозӣ.

**БАЧАБОН** بچهبان он ки тифлонро нигоҳубин ва парасторӣ мекунад, мураббӣ, бачапой.

**БАЧАБОНӢ** بچهبانی нигоҳубин кардан ба бачаҳо, мураббигӣ; **бачабонӣ кардан** ба бачаҳо нигоҳубин кардан.

**БАЧАГӢ** بچگی овони хурдсолӣ, бача будан, кӯдакӣ, туфулият; **дар бачагӣ** дар айёми хурдсолӣ, дар овони бачагӣ; **бачагӣ кардан** ба монанди бачаҳои хурдсол рафтор кардан; шӯхӣ кардан.

**БАЧАГОНА** بچهگانه 1. *мансуб ба* **бача**; **куртаи бачагона** куртае, ки барои пӯшидани бачагон дӯхта шудааст. 2. ба бачагон хосу ба шахсони калонсол номуносиб, ғайриҷиддӣ; **сабукии бачагона** сабукие, ки хоси бачагон аст. 3. монанди бача, мисли бача: **бачагона кор кардан**.

**БАЧАҒАР** بچه‌غر *гуфт.* ҳаромзода, валадуззино (*калимаи дашном*).

**БАЧАДОН** بچه‌دان *биол.* раҳм, заҳдон.

**БАЧАДОР** بچه‌دار фарзанддор; наслдор; **бачадор шудан** а) соҳиби фарзанд шудан (-и зан, мард); б) ҳомила шудан (-и зан).

**БАЧАДОРӢ** بچه‌داری бачадор будан, бача доштан, соҳиби фарзанд будан.

**БАЧАДУЗД** بچه‌دزد рабоянда ва дуздандаи кӯдакон ба хотири гаравгирӣ, фурӯш *ва г.*

**БАЧАДУЗДӢ** بچه‌دزدی дуздидани бачаҳо.

**БАЧАДӮСТ** بچه‌دوست дӯстдорандаи бачаҳо; фарзанддӯст.

**БАЧАЗО** بچه‌زا кӯдакзо, хосияти махлуқе, ки ҷанинаш баъд аз бордор шудан дар шиками модар даруни раҳмдон рушд мекунад.

**БАЧАЗОӢ** بچه‌زایی *исми амал аз* **бача зоидан**; зоиш, таваллуд кардан.

**БАЧАКУШ** بچه‌کش 1. он ки аз камоли бераҳмию сангдилӣ ҳатто аз куштани кӯдаку бачаҳо худдорӣ намекунад, кушандаи бачаҳо. 2. ҳайвоне, ки насли худро мекушад.

**БАЧАКУШАК** بچه‌کشک **:офтоби бачакушак** офтобе, ки дар рӯзҳои сард (*хусусан зимистон*) мебарояд ва хеле банур бошад ҳам, гармӣ надорад.

**БАЧАМАРД** بچه‌مرد *гуфт.* шермард, бӯзбала; ҷавони пурзӯру боқувват.

**БАЧАМАРДУМ** بچه‌مردم *гуфт.* бачагон; наврасон; ҷавонон.

**БАЧАМУР** بچه‌مور 1. зане, ки фарзандони ӯ мемуранд. 2. ҳайвони модае, ки бачаҳои ӯ мемурдаанд.

**БАЧАМУРДА** بچه‌مرده 1. он ки бачааш мурдааст, ҳайвони модае, ки бачаҳои ӯ мемуранд. 2. *гуфт., маҷ.* бадбахт.

**БАЧАПАРТО** بچه‌پرتا зане, ки дар натиҷаи касалие бачааш (ҷанинаш) ҳамеша дар шикамаш мурда меафтад.

**БАЧАПАРТОӢ** بچه‌پرتایی дар шиками модар мурда афтодани ҷанин; исқоти ҷанин; **бачапартоии сунъӣ** бо мудохилаи тиббӣ пеш аз вақт афтондани ҳамл, исқоти ҳамл.

**БАЧАПО(Й)** بچه‌پا(ی) *гуфт., ниг.* **бачабон**.

**БАЧАПОӢ** بچه‌پائی *гуфт., ниг.* **бачабонӣ**.

**БАЧАХОР** بچه‌خوار *ниг.* **бачахӯр**.

**БАЧАХӮР** بچه‌خور ҳайвоне, ки насли худро мехӯрад (*мас., баъзе моҳиҳо*).

**БАЧАХӮРАК** بچه‌خورک меваи норасидаи об гирифта ба пухтан саркарда: **тути бачахӯрак; бачахӯрак шудан** об гирифта ба пухтан сар кардани баъзе меваҳо.

**БАЧАЧА** بچه‌چه *ниг.* **бачаяк**; бачаи хурд.

**БАЧАЯК** بچه‌یک *шакли тасғир ва навозиши* **бача**.

**БАЧИЛЛА** بچله он ки ҳанӯз чиллааш набаромадааст: **арӯси бачилла**, **зани (навзоидаи) бачилла**.

**БАЧКАМ** بچکم хонаи тобистонӣ, хонае, ки гирдогирдаш панҷара кашида шудааст, башкам.

**БАЧКӢ** بچکی растании чуворӣ ё ҷуворимакка, ки зич мекоранд ва баъд аз баланд шудани қадаш ҳосилашро мунтазир нашуда, барои хӯроки чорво медараванд.

**БАҶО** بجا 1. бамаврид, бамавқеъ; мувофиқ, муносиб: **гапи баҷо, хандаи баҷо**. 2. хуб, нағз; дуруст; **баҷо ҳастед?**; аҳволатон хуб аст?; ◊ **баҷо кардан** *гуфт.* пинҳон кардан, руст кардан, қоим кардан.

**БАҶОНРАСОНАНДА** بجان‌رساننده *сифати феълии замони ҳозираи* **ба ҷон расондан**; бо исроркорӣ ва шилқинии худ безоркунанда, дилбазанкунанда.

**БАҶООВАРАНДА** بجاآورنده *сифати феълии замони ҳозираи* **ба ҷо овардан**; иҷрокунанда, адокунанда.

**БАҶООВАРӢ** بجاآوری *исми амал аз* **ба ҷо овардан**; иҷро кардан, амалӣ кардан.

**БАҶУРЪАТ** بجرأت *ниг.* **боҷуръат**.

**БАШ I** بش банд, банди оҳанин, банде аз мис, нуқра ва монанди ин, ки дар баъзе ҷойҳои сандуқ ва ё дару дарвоза барои устуворӣ насб мекунанд.

**БАШ II** بش *кит.* ёл ё мӯи гардани асп.

**БАШАВҚОМАДА** بشوق‌آمده *сифати феълии за-*

*мони гузаштаи* **ба шавқ омадан**.

**БАШАР** *а.* بشر инсон, одам; мардум, одамизод; **абнои башар // навъи башар** мардумон, одамизод, инсоният.

**БАШАРА** بشره афт, рӯй, намуди зоҳирии рӯи одамӣ; **афту башара** намуди зоҳирӣ, шаклу шамоил.

**БАШАРДӮСТ** بشردوست инсондӯст, дӯстдори башарият.

**БАШАРДӮСТӢ** بشردوستی инсондӯстӣ, гуманизм.

**БАШАРДӮСТОНА** بشردوستانه инсондӯстона; аз рӯи дӯстдории одамон; **ёрии башардӯстона** кумак бо хӯрокворӣ ва молҳои саноатӣ, ки баъзе давлатҳо ба мамлакатҳои сусттараққикарда ва рӯбаинкишоф мерасонанд.

**БАШАРИЯТ** *а.* بشریت бани одам, авлоди башар; инсоният.

**БАШАРӢ** بشری *мансуб ба* **башар**; инсонӣ, одамӣ.

**БАШАСТ** بشست 1. бошиддат; бо суръати баланд, зуд. 2. бо тамоми қувва.

**БАШИДДАТ** بشدّت *ниг.* **бошиддат**.

**БАШИР I** *а.* بشیر *кит.* башоратдиҳанда, муждарасон.

**БАШИР II** بشیر 1. ширдор, ширнок; бо шир пухташуда: **нони башир**. 2. ширдиҳанда: **гови башир**.

**БАШИТОБ** بشتاب *ниг.* **бошитоб**.

**БАШК** I بشک *кит.* ишва, ғамза, ноз карашма; **башк задан** ноз кардан, карашма намудан.

**БАШК** II بشک *кит., ниг.* **шабнам**.

**БАШКАМ** بشکم *ниг.* **бачкам**.

**БАШЛИДАН** بشلیدن *кҳн.* ба ҳам часпидан, баровехтан, даровехтан.

**БАШМ** بشم *кит.* қирав, қатраҳои резаи оби яхшуда.

**БАШН** بشن 1. *кит.* қад, қомат. 2. қисмати муқааби бино, ки болои он бештар гунбад меояд.

**БАШОРАТ** *а.* بشارت мужда, хабари хуш, хушхабар: **башорат додан**.

**БАШОРАТНОМА** بشارتنامه пайки шодӣ, номае, ки дар он хабари хуш омада бошад.

**БАШОШАТ** *а.* بشاشت *кит.* хушӣ, хурсандӣ, шодӣ; кушодарӯӣ.

**БАШУМОР//БАШУМУР** بشمار//بشمر он чи имкони шумурдан дорад (*бинобар кам будани теъдод*), шумораащ маълум: **рӯзҳои башумор мондааст**.

**БАШШОШ** *а.* بشاش *кит.* кушодарӯй, хандонрӯй; шодмон.

**БАЪД** *а.* بعد 1. пас, сипас, сонӣ; пас аз он; *муқоб.* **қабл**; **баъд аз // баъди…** пас аз, аз қибали…; чанде пас аз; **баъд аз ин (он)** пас аз ин (он), пас аз ба вуқӯъ омадани…; **баъд аз он ки**… пас аз он ки…; **баъд аз пешин // баъди пешин** нимаи дуюми рӯз; пас аз қиёми офтоб, пас аз зӯҳр. 2. баъдина, минбаъда; **аз ин баъд** минбаъд, дар оянда; **баъдҳо** минбаъд; пас аз мурури замон.

**БАЪДАН** *а.* بعداً пас, сипас; сониян; пас аз он.

**БАЪДИИНҚИЛОБӢ** بعدانقلابی баъд аз инқилоби Октябр бавуқӯъомада.

**БАЪДИНА** بعدینه минбаъда.

**БАЪДИҶАНГӢ** بعدجنگی замони баъди ҷанг; пас аз ҷанг воқеъгардида, асосан замони баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) дар назар аст.

**БАЪДӢ** بعدی воқеъ дар марҳилаи баъдӣ.

**БАЪЗАН** *а.* بعضاً гоҳе, гоҳо, гоҳ-гоҳ.

**БАЪЗЕ** بعضی чузъе аз том, қисме аз кул; порае, қадре, миқдоре, қисме; чанде, якчанд; **баъзеашон // баъзеҳошон** қисме аз онҳо, чанде аз онҳо; **баъзе аз** қисме аз, чанде аз, як қисме…; **дар баъзе** дар қисме аз, дар якчанд.

**БАЪС** I *а.* بعث *кит.* 1. барангехтан, таҳрик кардан. 2. фиристодан. 3. *д.* рӯзи қиёмат, ҳашр, растохез.

**БАЪС** II//**БОС** *а.* بأس//باس *кит.* 1. хавф, бим, тарс. 2. қудрат; далерӣ, бебокӣ.

**БАЭҲТИЁТ** باحتیاط *ниг.* **боэҳтиёт**.

**БАЭЪТИБОР** باعتبار *ниг.* **боэътибор**.

**БАЮГОН** بیوگان *кит.* арӯс.

**БАЮСИДАН** بیوسیدن *кит.* умедвор будан, интизор доштан.

**БАЯКБОР** بیکبار якбора, дафъатан.

**БАЯН** *р.* بین *мус.* навъи асбоби мусиқии аз гармон калонтар.

**БЕ** I بی 1. *пешванди инкорӣ* бидуни...; ғайр аз, ғайри...; **бе ин (он) ҳам** бидуни ин (он) ҳам; **бе он ки**... *пайвандаки тобеъкунанда* ба ҷои он ки..., ин корро накарда...; **бе ҳеҷ ташвиш** бидуни камтарин ташвиш, бемалол. 2. *пешв.* бо исм омада, сифат месозад, ки ба аломат ва хислате доро набудани предметро ифода мекунад: **безарар, бекор, беғубор** *ва г.* 3. *пешв.* бо як гурӯҳ исмҳо, инчунин бо баъзе феълҳо омада, зарф месозад: **беихтиёр, беибо, беист** *ва г.*

**БЕ** II ب *номи ҳарфи дуюми алифбои ҳозираи тоҷикии **Б**.*

**БЕАБР** بی‌ابر аз абр холӣ, абрнадошта; **осмони беабр** осмони соф; **ҳавои беабр**.

**БЕАБРӢ** بی‌ابری беабр будан, соф будани ҳаво.

**БЕАБРӮ** بی‌ابرو абрӯнадошта, беқош.

**БЕАВЗОН** بی‌اوزان *кит., ниг.* **бевазн**.

**БЕАВЛОД** بی‌اولاد бенасл, бефарзанд.

**БЕАДАБ//БЕОДОБ** بی‌ادب//بی‌آداب тарбиятнодида, бадахлоқ, густох.

**БЕАДАБӢ//БЕОДОБӢ** بی‌ادبی//بی‌آدابی густохӣ, дағалӣ: **беадабӣ кардан**.

**БЕАДАБОНА** بی‌ادبانه ғайримуаддабона, на аз рӯи одоб, густохона.

**БЕАДАД** بی‌عدد бешумор, аз ҳад зиёд.

**БЕАДИЛ** بی‌عدیل *кит.* бемонанд, беҳамто, беназир.

**БЕАДОЛАТ** بی‌عدالت беинсоф, ноинсоф, ноодил.

**БЕАДОЛАТӢ** بی‌عدالتی ноинсофӣ, бедодгарӣ.

**БЕАДОЛАТОНА** بی‌عدالتانه ноинсофона, ғайриодилона, ноҳақ.

**БЕАЗИЯТ** بی‌اذیت беозор, беазоб.

**БЕАЗМ** بی‌عزم *ниг.* **беирода**.

**БЕАЗМӢ** بی‌عزمی беиродагӣ.

**БЕАЙБ** بی‌عیب 1. бенуқсон, беиллат. 2. бегуноҳ, маъсум.

**БЕАЙБӢ** بی‌عیبی бегуноҳӣ, гуноҳ (айб) надоштан.

**БЕАҚИДА** بی‌عقیده бефикр, беэътиқод.

**БЕАҚЛ** بی‌عقل камақл, нодон; аҳмақ, аблаҳ.

**БЕАҚЛӢ** بی‌عقلی камақлӣ, бехирадӣ; нодонӣ; аблаҳӣ, аҳмақӣ; **беақлӣ кардан** аз рӯи ақл амал накардан, беақлона рафтор кардан, аҳмақӣ кардан.

**БЕАҚЛОНА** بی‌عقلانه на аз рӯи ақлу фаросат, ғайриоқилона; аҳмақона; аблаҳона: **баҳси беақлона, ҳаракати беақлона, кори беақлона**.

**БЕАЛАФ** بی‌علف холӣ аз алаф, гиёҳу алаф надошта: **дашти беалаф**.

**БЕАЛАФӢ** بی‌علفی набудани алафу гиёҳ, қаҳтии хӯроки ҳайвонот.

**БЕАЛКОГОЛ** بی الکاگال машруботе, ки дар таркиби худ спирт надорад; беспирт; **нӯшокиҳои беалкогол**.

**БЕАЛОИҚ** بی‌علایق *ниг.* **беалоқа**.

**БЕАЛОҚА** بی‌علاقه 1. алоқанадошта, бемуносибат, беробита. 2. берабт, мазмунан ба ҳам вобастагӣ надошта: **ҷумлаҳои беалоқа**.

**БЕАЛОҚАГӢ** بی‌علاقگی надоштани алоқа, мавҷуд набудани муносибату робита.

**БЕАМАЛ** بی‌عمل он ки дониши андӯхтаи худро дар ҳаёт татбиқ намекунад ва мувофиқи дониши худ кор намебарад, ғайрифаъол; **олими беамал – занбӯри беасал** (*зарб.*).

**БЕАМАЛӢ** بی‌عملی беамал будан, ба гуфтаи худ амал накардан.

**БЕАМЛОК** بی‌املاک *кӯҳн.* мулкнадошта, он ки ҳамчун моли хусусӣ замин надорад, беззамин.

**БЕАМОН** بی‌امان 1. бераҳм, сангдил, дилсахт: **марги беамон, хасми беамон, тири беамон**. 2. *маҷ.* шадид, сахт: **ҷанги беамон, зарбаи беамон, муборизаи беамон**.

**БЕАМОНАТ** بی‌امانت он ки амонатро риоя намекунад.

**БЕАМОНАТӢ** بی‌امانتی беамонат будан, хиёнат кардан, хиёнаткор будан.

**БЕАНБОЗ** بی‌انباز бераҳнамо, ягона, бешарик.

**БЕАНГУШТ** بی‌انگشت ангуштнадошта; дасту пое, ки ангишт надорад.

**БЕАНДЕША** بی‌اندیشه 1. бемулоҳиза, ғайри-мулоҳизакор, кӯтоҳандеш; кӯтоҳназар, камақл. 2. он ки рӯихотирро намедонад, берӯихотир, густох. 3. бемулоҳизакорона, беақлона: **кори беандеша**.

**БЕАНДЕШАГӢ** بی‌اندیشگی беақлӣ, рафтори беақлона, рафтори ношоиста ва нодуруст: **беандешагӣ кардан**.

**БЕАНДОЗ** بی‌انداز бидуни андоз, бе андозбандӣ.

**БЕАНДОЗА** بی‌اندازه беҳадду бешумор, аз ҳад зиёд, беҳадду канор, бепоён: **хурсандии беан-доза, меҳри беандоза**.

**БЕАНДОМ** بی‌اندام баднамо, бадафт, зиштсурат; *муқоб.* **баандом**.

**БЕАНДОМӢ** بی‌اندامی баднамоӣ, бадсуратӣ, номутаносибӣ.

**БЕАНҶОМ** I بی‌انجام беохир, охирнадошта, ба-поённарасида, нотамом.

**БЕАНҶОМ** II بی‌انجام асбобу ускуна надошта, бедастгоҳ: **устои беанҷом**.

**БЕАНҶОМӢ** I بی‌انجامی беохирӣ, интиҳо надоштан; нотамом.

**БЕАНҶОМӢ** II بی‌انجامی беанҷом будан, надоштани (набудани) асбобу анҷом.

**БЕАРЗ** بی‌ارز *нав.* бидуни асъор: **фурӯши беарз**.

**БЕАРЗИШ** بی‌ارزش қимату арзишнадошта, беқадр.

**БЕАРМОН** بی‌ارمان 1. ба орзу расида, ба муроду мақсадрасида. 2. бепушаймонӣ, беафсӯс, бе-надомат, беҳасрат.

**БЕАРҶ** بی‌ارج беқадр, беэҳтиром, хору забун.

**БЕАСАЛ** بی‌عسل асалнадиҳанда, асалнадошта: **занбӯри беасал**.

**БЕАСАР** بی‌اثر 1. бетаъсир, таъсирнадошта; бенатиҷа; **беасар рафтан** таъсир (кор) накар-дан, муассир воқеъ нагаштан. 2. беному ни-шон, бедарак.

**БЕАСБОБ** بی‌اسباب беанҷом, бидуни асбоб.

**БЕАСЛ** بی‌اصل 1. беасос, асоснадошта, нодуруст, пуч; **ваҳми беасл** ваҳми беҳуда, тарси беасос; беаслу насаб. 2. *маҷ.* номаълумасл; бадаслу баднасаб; паст, сифла.

**БЕАСЛИҲА** بی‌اسلحه *ниг.* **бесилоҳ**.

**БЕАСОЛАТ** بی‌اصالت бе аслу насаб, ғайриасил, нопок, аз асл бебаҳра.

**БЕАСОС** بی‌اساس асоснадошта, холӣ аз замина; бесабаб, бедалел; нодуруст; **беасос баромадан** нодуруст баромадан (-и умед, орзу, ваъда); **даъвои** *касеро* **беасос шумурдан** бино бар на-будани далел даъвои касеро нодуруст ҳисоб кардан ва ғайри қобили қабул донистан.

**БЕАСОСӢ** بی‌اساسی асоси дуруст надоштан, нодуруст будан, замина надоштан; сабаб на-доштан; далел надоштан.

**БЕАСТАР** بی‌استر аз дарун астар надошта; **либоси беастар**, **беастар будан**.

**БЕАҲАМИЯТ** بی‌اهمیت аҳамият надошта, ғайримуҳим, камаҳамият.

**БЕАҲАМИЯТӢ** بی‌اهمیتی 1. беаҳамият будан, аҳамият надоштан; муҳим набудан. 2. диққат надодан, таваҷҷӯҳ зоҳир накардан; беаҳамиятӣ кардан.

**БЕАҲД** بی‌عهد он ки дар аҳди худ устувор нест, бевафо.

**БЕАҲДӢ** بی‌عهدی бевафоӣ, дар аҳди худ устувор набудан.

**БЕАҲОЛӢ** بی‌اهالی аз аҳолӣ холӣ; ғайримаскун, беодам.

**БЕБАДАЛ** بی‌بدل 1. бадал надошта, бадалнаша-ванда, беиваз; беҳамто, беназир, бемислу монанд. 2. муфт, ройгон; **бебадал нагузоштан** ба ивази коре иҷро кардани коре; қусури чи-зеро баровардан.

**БЕБАДӢ** بی‌بدی бидуни бадӣ, дурӣ ҷустан аз бадӣ.

**БЕБАҚО** بی‌بقا 1. ғайриҷовид, кӯтоҳумр, ноустувор, нопойдор: **дунёи бебақо**, **умри бебақо**. 2. бедошт, камдошт: **матои бебақо**.

**БЕБАҚОӢ** بی‌بقایی 1. ҷовид (абадӣ) набудан, ноустуворӣ, нопойдорӣ. 2. камдоштӣ, дошт надоштан.

**БЕБАНДУБОР** بی‌بندوبار нобасомон, ошуфта, лоқайд, надоштани низоми тааҳҳуд ба кор.

**БЕБАНДУБОРӢ** بی‌بندوباری нобасомонӣ, ошуфтагӣ, лоқайдӣ.

**БЕБАР** بی‌بر беҳосил, бесамар, бенатиҷа.

**БЕБАРАКА(Т)** بی‌برکه//بی‌برکت 1. он чи зиёд ва ба қадри кофӣ нест; **бебаракат будани** *чизе* бекурб, ҳастаку нестак будани чизе (*мас., пули нав, ҳосили имсола ва г.*). 2. бефайз: **дасти бебаракат**.

**БЕБАРАКАТӢ** بی‌برکتی 1. фаровон набудан, зуд тамом шудани чизе. 2. бефайзӣ; беҳосилӣ.

**БЕБАРГ** بی‌برگ 1. барг надошта: **дарахти бебаргу бор**. 2. *кит., маҷ.* бенаво, бечизу чора, фақир, камбағал.

**БЕБАРГӢ** بی‌برگی бенавоӣ, фақирӣ, камбағалӣ, надоштани чизу чора.

**БЕБАРӢ** بی‌بری бесамарӣ, беҳосилӣ.

**БЕБАРКАШ** بی‌برکش 1. барнакашида; беҳисоб. 2. *маҷ.* насанҷида; бемулоҳиза, беандеша.

**БЕБАРҚ** بی‌برق бе ҷараёни барқ.

**БЕБАРОР** بی‌برار бемуваффақият, омаднакарда: **шикори бебарор**.

**БЕБАРОРӢ** بی‌براری бемуваффақиятӣ, пеш нарафтани кор, ноомади кор.

**БЕБАРФ** بی‌برف барфнадошта; **зимистони бебарф** зимистоне, ки барф наборидааст.

**БЕБАСАР** بی‌بصر нобино, кӯр, аъмо.

**БЕБАСАРӢ** بی‌بصری нобиноӣ, кӯрӣ.

**БЕБАХТ** بی‌بخت бадбахт, бетолеъ.

**БЕБАХШ** بی‌بخش бебаҳра; бенасиб.

**БЕБАҲО** بی‌بها гаронбаҳо, пурбаҳо, пурқимат, беҳамто, бемислу монанд, беназир (*дар гаронқиматӣ*): **дурри бебаҳо, тӯҳфаи бебаҳо, ганҷи бебаҳо, одами бебаҳо**.

**БЕБАҲР** بی‌بهر *ниг.* **бебаҳра**.

**БЕБАҲРА** بی‌بهره бенасиб, беҳисса, нобархурдор: **бебаҳра мондан** бенасиб мондан, баҳраманд нашуда мондан; маҳрум мондан аз чизе.

**БЕБАҲС** بی‌بحث баҳсноталаб, баҳснопазир: **ҳақиқати бебаҳс**.

**БЕБАЧА** بی‌بچه бефарзанд, бенасл.

**БЕБАЧАГӢ** بی‌بچگی бебача будан, бача надоштан, бефарзандӣ,.

**БЕБИЗОАТ** بی‌بضاعت бемолу чиз; камбизоат, камбағал, тангдаст.

**БЕБИЗОАТӢ** بی‌بضاعتی молу чиз надоштан; камбизоатӣ, камбағалӣ, тангдастӣ.

**БЕБИМ** بی‌بیم нотарс, бебок; нотарсона, бебокона.

**БЕБИНӢ** بی‌بینی бининадошта; пучуқ.

**БЕБИСОТ** بی‌بساط бемолу давлат, беасбобу ускуна; нодор, қашшоқ.

**БЕБОД** بی‌باد *ниг.* **бешамол**.

**БЕБОДӢ** بی‌بادی *ниг.* **бешамолӣ**.

**БЕБОЗГАШТ**بی‌بازگشت бозгаштнадошта, баргаштанаоянда, дубора намеомадагӣ: **талафоти бебозгашт, умри бебозгашт; бебозгашт додан** чизеро ба касе тамоман додан.

**БЕБОК** بی‌باک 1. нотарс, боҷуръат; ҷасур, далер; беибо, густох. 2. *ниг.* **бебокона**.

**БЕБОКӢ** بی‌باکی нотарсӣ; ҷуръатнокӣ, ҷасурӣ, далерӣ; густохӣ.

**БЕБОКОНА** بی‌باکانه бетарсу бим, наҳаросида, нотарсона; ҷасурона, далерона: **ҷавоби бебокона, саволи бебокона, қадами бебокона, рафтори бебокона**.

**БЕБОКЧА** بی‌باکچه *мус.* номи яке аз оҳангҳои машҳури тоҷикӣ.

**БЕБОЛ** بی‌بال 1. болу парнадошта. 2. *маҷ.* нотавон, оҷиз.

**БЕБОЛОБАНДӢ** بی‌بالابندی бетаърифу тавсиф, обурангнадода; пӯстканда.

**БЕБОР** بی بار 1. бебар, беҳосил, бесамар: **дарахти бебор**. 2. борнадошта, холӣ: **мошини бебор, хари бебор**.

**БЕБОРИШ** بی‌بارش бебарфу борон: **ҳавои бебориш**; ҳавои боришнадошта, ҳавои соф.

**БЕБОРИШӢ** بی‌بارشی наборидани барфу борон, хушксолӣ.

**БЕБОРОН** بی‌باران бороннаборида, бороннадошта; бебориш; **беборон омадани баҳорон** наборидани борон дар фасли баҳор.

**БЕБОРОНӢ** بی‌بارانی борон наборидан, наборидани борон; бебориши̇.

**БЕБОХТ** بی‌باخت бохтнадошта; бидуни бойдиҳӣ: **лотереяи бебохт**.

**БЕБОҶ** بی‌باج *нав.* аз пардохти боҷ озод, боҷи гумрукӣ напардохта: **молҳои бебоҷ воридшуда, бебоҷ ворид кардани амвол**.

**БЕБУНЁД** بی‌بنیاد 1. асоснадошта, бидуни асоси мустаҳкам, ноустувор, сустбунёд. 2. *маҷ.* ноасл; пастфитрат, сифла.

**БЕБУНЁДӢ** بی‌بنیادی 1. надоштани асоси мусстаҳкам, сустбунёдӣ, ноустуворӣ. 2. *маҷ.* ноаслӣ; пастфитратӣ, сифлагӣ.

**БЕБУРИШ** بی‌برش ноӯҳдабаро, лаванд; беқатъият.

**БЕБУРИШӢ** بی‌برشی ноӯҳдабарои̇, лавандӣ; қатъият надоштан дар корҳо.

**БЕБУРУТ** بی‌بروت бурутнадошта, бемӯйлаб; мӯйлабнабароварда.

**БЕБӮ(Й)** (بی‌بو(ی бӯйнадошта: **гули бебӯй**.

**БЕВА** بیوه 1. зани шавҳармурда ё аз шавҳар ҷудошуда, бевазан. 2. марди безан ё занмурда: **зани бева, беваи бекас, беваю бечораҳо; бева мондан, бева шудан**.

**БЕВАГӢ** بیوگی 1. бешавҳарӣ, бешавҳар мондани зани шавҳардида. 2. безанӣ, безан мондани марди зандида.

**БЕВАЗАН** بیوه‌زن *ниг.* **бева** 1.

**БЕВАЗН** بی‌وزن 1. бевазн будан, вазннадошта, бевазн, сабук; **шеъри бевазн** *адш.* шеъре, ки дар он қоидаи вазни арӯз риоя нашудааст. 2. *маҷ.* беаҳамият, камэътибор.

**БЕВАЗНӢ** بی‌وزنی 1. вазн надоштан, сабук будан. 2. ҳолате, ки ҳангоми берун шудан аз ҳудуди кашиши замин воқеъ мешавад.

**БЕВАҚТ** بی‌وقت бемаҳал, бемавқеъ, нобаҳангом; **бевақту соат** бемаҳал, бемавқеъ, нобаҳангом; **гаштирӯзии бевақт** хеле баъдтар аз гашти рӯз, охири вақти гаштирӯзӣ; **кирмаки бевақт** кирмаке, ки дар охири мавсими кирмакдорӣ парваронда мешавад; **бевақт монда**н дер кардан, ақиб мондан; аз вақти муайян ва муқаррарӣ гузаронидан, ба таъхир афтодан; **бевақт шудан** дер шудан, аз вақти муайян гузаштан; **рӯз бевақт шудан** бегоҳ шудан, ба поён расида истодани рӯз.

**БЕВАҚТИРӮЗӢ** بی‌وقت‌روزی вақти ба охир расида истодани рӯз, охири рӯз, бегоҳирӯзӣ.

**БЕВАҚТӢ** بی‌وقتی 1. вақту замоне, ки аз шаб посе гузаштааст; посе аз шаб гузашта: **дар бевақтии шаб**. 2. дермонда аз вақти муқаррарӣ, нобаҳангом; **кишти бевақтӣ** зироате, ки баъд аз гузаштани мӯҳлати муқаррарӣ кошта шудааст: **пахтаи бевақтӣ**.

**БЕВАҚФА** بی‌وقفه *кит.* бидуни тавақкуф, беист, бетанаффус, паёпай, пайдарҳам.

**БЕВАМАРГ** بیوه‌مرگ он ки дар ҳоли бевагӣ аз дунё мегузарад.

**БЕВАМАРД** بیوه‌مرد *ниг.* **бева** 2.

**БЕВАПИР** بیوه‌پیر духтаре, ки солхӯрда бошад ҳам, ба шавҳар набаромадааст, пирдухтар.

**БЕВАР** بیور *кҳн.* даҳ ҳазор (10 000) (*ба забони паҳлавӣ*).

**БЕВАТАН** بی‌وطن 1. аз ватан ҷудошуда; бехонумон; ғариб, бекасу кӯй. 2. шахсе, ки нисбат ба ватани худ беэътиноӣ мекунад, манфиатҳои халқи худро ҳимоя намекунад ва маданияти миллии хешро ба назари эътибор намегирад, космополит.

**БЕВАТАНӢ** بی‌وطنی беватан будан, ватан надоштан.

**БЕВАФО** بی‌وفا он ки ба қавлу ваъдаи худ устувор нест, он ки дар дӯстӣ содиқ нест, аҳдшикан, паймоншикан: **ёри бевафо, дунёи бевафо, фалаки бевафо**.

**БЕВАФОӢ** بی‌وفایی вафо накардан ба қавлу ваъдаи худ, устувору пойдор набудан дар аҳду паймони дӯстӣ: **бевафоӣ кардан**.

**БЕВАҲМ** بی‌وهم **:беваҳму тарс** нотарсона, бидуни биму ҳарос, наҳаросида.

**БЕВАҶҲ** بی‌وجه бесабаб, беасос, бедалел; беҳуда.

**БЕВИҚОР** بی‌وقار он ки тамкину вазнинӣ дар хулқу атвор надорад.

**БЕВИҶДОН** بی‌وجدان он ки барои рафтор ва кирдори худ масъулияте ҳис намекунад; ноинсоф.

**БЕВИҶДОНӢ** بی‌وجدانی бевиҷдон будан; ноинсофӣ.

**БЕВИҶДОНОНА** بی‌وجدانانه дар рафтору кирдори худ масъулиятро ба назар нагирифта; беинсофона.

**БЕВОРА** بی‌واره *кит.* 1. бекас, ғариб. 2. беқадр, беэътибор.

**БЕВОРИС** بی‌وارث меросхӯрнадошта; аз меросхӯр маҳрумшуда.

**БЕВОРИСӢ** بی‌وارثی меросхӯр надоштан, маҳрум аз меросхӯр будан.

**БЕВОСИТА** بی‌واسطه 1. рост, бидуни он ки чизе ё касе дар байн воқеъ бошад. 2. *мач.* дафъатан, бидуни фосилаи вақт дар миён: **бевосита пас аз инқилоб**. 3. бе ёрдами беруна, бе иштироки шахси дуюм, бе мадади миёнҷӣ, мустақиман, шахсан; **даҳолати бевосита** даҳолати шахсӣ, мудохила бе иштироки миёнарав ё шахси дигар; **иштироки бевосита** шахсан иштирок кардан (доштан); **ҳамсояи бевосита** ҳамсояи девордармиён, ду ҳамсояе, ки мобайни онҳо хонаи ҳамсояи дигар воқеъ нагардидааст.

**БЕВУЗӮЪ** بی‌وضوء бетаҳорат, бидуни вузӯъ.

**БЕВУҚУФ** بی وقوف *кит.* ноогоҳ, нодон, дар ҳоли бехабарӣ, бехабар.

**БЕВУҶУД** بی‌وجود 1. он ки вуҷудаш ба кор ё вазъият асаре надорад, ғайримуфид; беасар. 2. паст, фурӯмоя, ҳақир.

**БЕВУҶУДӢ** بی‌وجودی носудманд будан, беасар будан.

**БЕГ** بیگ *ниг.* **бек**.

**БЕГАЗАНД** بی گزند *кит.* безарар, беосеб.

**БЕГАП** بی‌گپ хомӯш, сокит; хомӯшона; ◊ **бегапу калоча** бегуфтугӯ; бечуну чаро; **бегап набудан** бесабаб набудан; иллату асос доштан (-и ҳодисае).

**БЕГАҲ** بیگه *ниг.* **бегоҳ: гоҳу бегоҳ**.

**БЕГАҲӢ** بیگهی *ниг.* **бегоҳӣ**.

**БЕГАҲХЕЗ** بیگه‌خیز *ниг.* **бегоҳхез**.

**БЕГИЁҲ** بی‌گیاه гиёҳнадошта, аз гиёҳу алаф холӣ: **биёбони бегиёҳ, дашти бегиёҳ, кӯҳи бегиёҳ**.

**БЕГИЁҲӢ** بی‌گیاهی бегиёҳ будан, гиёҳу алаф надоштан.

дошта.

**БЕГИЛА** بی‌گله бегиламандӣ, бидуни шикояту шиква.

**БЕГИМ** بیگیم 1. *таър.* зани амир; амирзодазан; лақаби занони аъёну ашроф ва занони мӯҳтарам. 2. *барои ифодаи меҳру навозиш дар охири номҳои занона илова мешавад*: **Улфатбегим, Анорбегим** *ва г.*

**БЕГИҶОН** بیگی‌جان 1. фарзанди бег, бегзода. 2. *дар мавриди навозиш ва ифодаи эҳтиром нисбат ба фарзандони аъён гуфта мешуд.*

**БЕГӢ** بیگی 1. *мансуб ба* **бег**. 2. *таър.* идора ва ҳукумати бек.

**БЕГОНА** بیگانه 1. ношинос; ноошно: **ҷавони бегона, зани бегона, марди бегона**. 2. бо риштаи хешу таборӣ пайванд набуда, ғайрихеш, ғайрихудӣ; **аз дӯсти дур бегонаи наздик хуб аст** (*мақ.*); **бегона шудан** шахси ғайрихудӣ шудан, дур шудан аз хешу дӯстон. 3. дигар, ғайр; хориҷӣ, аҷнабӣ: **лашкари бегона, сипоҳи бегона, синфи бегона**. 4. ҷое, ки зодгоҳ ё маҳалли иқомати доимии касе намебошад: **кишвари бегона, шаҳри бегона, деҳаи бегона;** ◊ **алафи бегона** алафи худрӯи даруни киштзор; **дасти бегона** шахси ғайрихудӣ; шахси мухолиф; **аз ақл бегона шудан** ақлро гум кардан, девона шудан; **пулро бегона кардан** аз шахси ғайрихудӣ мол харидан.

**БЕГОНАВОР** بیگانه‌وار монанди бегонаҳо, мисли шахси ношиносу ноошно ё ғайри хешу табор.

**БЕГОНАГӢ** بیگانگی бегона будан; **бегонагӣ кардан** ҳамчун бегонаҳо рафтор кардан.

**БЕГОНАЗАБОН** بیگانه‌زبان *нав.* он ки бо забони дигар гап мезанад, он ки забони ӯ забони хориҷист.

**БЕГОНАЗАМИН** بیگانه‌زمین ҷое, ки зодгоҳ ё манзили доимии касе нест, кишвари бегона, мулки бегона.

**БЕГОНАПАРАСТ** بیگانه‌پرست он ки бегонаро аз одамони худӣ бартар медонад ва бо бегонагон нишасту бархост ва сару кор дорад, бегонаписанд.

**БЕГОНАПАРАСТӢ** بیگانه‌پرستی бегонапараст будан, парастиши бегонагон.

**БЕГОНАПИСАНД** بیگانه‌پسند *ниг.* **бегонапараст**.

**БЕГОНАРӮ** بیگانه‌رو *ниг.* **бегона**, **ношинос**.

**БЕГОР** بیگار *таър.* кори маҷбурии бемузд, ки мардум дар заминҳои амир ва амалдорон ба ҷо меоварданд; кори маҷбурӣ ва бемузд.

**БЕГОРӢ** بیگاری касеро маҷбуран ва бемузд кор фармудан.

**БЕГОҲ** بیگاه охири рӯз пеш аз фурӯ рафтани офтоб; аввали шаб; **аз пагоҳ то бегоҳ** тамоми рӯз, рӯзи дароз; **бегоҳи ҷумъа** охири рӯзи панҷшанбе, ки пас аз он ҷумъа меояд; **рӯз бегоҳ шудан** ба поён расидани рӯз, бевақт шудани рӯз; **рӯзро бегоҳ кардан** рӯзро ба поён расондан, тамоми рӯзро бо коре гузарондан; ◊ **гоҳу бегоҳ // гаҳу бегаҳ** бамавриду бемаврид, вақту бевақт; **пагоҳ-бегоҳ** ба қарибӣ, дар рӯзҳои наздик.

**БЕГОҲИРӮЗ(Ӣ)** بیگاهی‌روز(ی) охири рӯз (*асосан баъд аз нишастани офтоб то сар шудани шаб*).

**БЕГОҲӢ** بیگاهی 1. *ниг.* **бегоҳ: бегоҳии бевақт, бегоҳии рӯзи дигар**. 2. *мансуб ба* **бегоҳ: насими бегоҳӣ, хӯроки бегоҳӣ; синфҳои бегоҳӣ** синфҳои мактаби шабона.

**БЕГОҲОН//БЕГОҲОНӢ** بیگاهان//بیگاهانی *ниг.* **бегоҳ**.

**БЕГОҲХЕЗ** بیگاه‌خیز 1. он ки дер аз хоб мехезад. 2. саҳархез.

**БЕГУЗАШТ** بی‌گذشت гузаштнакунанда; якрав.

**БЕГУМОН** بی‌گمان бешубҳа, бешак, яқинан, бидуни шакку тардид, он ки дар бораи касе ё чизе шак надорад.

**БЕГУНАҲ//БЕГУНОҲ** بی‌گنه//بی‌گناه он ки ҷурм надорад, гунаҳгор нест, беайб, маъсум; ◊ **мусичаи бегуноҳ** он ки худро беайбу бечора нишон медиҳад.

**БЕГУНОҲӢ** بی‌گناهی бегуноҳ будан, гуноҳ надоштан, беайбӣ.

**БЕГУРДА** بی‌گرده тарсу, буздил, беҷуръат.

**БЕГУРДАГӢ** بی‌گردگی тарсончакӣ, буздилӣ, беҷуръатӣ.

**БЕГУФТУГӮ(Й)** بی‌گفتوگو(ی) 1. бидуни сухани барзиёд, бечуну чаро; бешарту шароит. 2. бешак, бешубҳа, албатта, ҳатман.

**БЕГӮШ** بی‌گوش он ки гӯш надорад; гӯшбурида.

**БЕГӮШТ** بی‌گوشت хӯроке, ки ба он гӯшт намеандозанд; гӯштнадошта: **хӯроки бегушт**.

**БЕҒАВҒО** بی‌غوغا *ниг.* **беғалоғула**.

**БЕҒАЙРАТ** بی‌غیرت 1. он ки ғайрат надорад ва дар иҷрои корҳо саъю кӯшиш намекунад; танбал, коҳил. 2. *гуфт.* тарсончак, буздил, тарсу. 3. марди камқувват.

**БЕҒАЙРАТӢ** بی‌غیرتی 1. беғайрат будан, сайъу кӯшиш накардан дар иҷрои корҳо. 2. *гуфт.* тарсончакӣ, буздилӣ. 3. камқувватӣ, камғайратӣ (*оид ба* мард).

**БЕҒАЛАТ** بی‌غلط 1. холӣ аз ғалат, бехато. 2. ғалат накарда, ба саҳву хато роҳ надода.

**БЕҒАЛОҒУЛА** بی‌غلاغوله бемағал, беғавғо, шӯру ғавғо накарда.

**БЕҒАМ** بی‌غم он ки ғаму ғусса надорад, дур аз андӯҳ: **беғаму ғусса будан;** ◊ **дами беғам задан** а) аз ғаму ташвиш фориғ шуда, роҳат кардан, беғамона дам гирифтан; б) фориғболона умр ба сар бурдан, осуда зиндагонӣ кардан.

**БЕҒАМӢ** بی‌غمی беғам будан, ғам надоштан; осудахотирӣ.

**БЕҒАМОНА** بی‌غمانه фориғ аз ғаму ғусса; бепарвоёна, фориғболона.

**БЕҒАРАЗ** بی‌غرض 1. он ки дар коре манфиати шахсии худро ба назар намегирад, бетамаъ: **дӯсти беғараз**. 2. *ниг.* **беғаразона**.

**БЕҒАРАЗӢ** بی‌غرضی беғараз будан, тамаъ надоштан, бетамаӣ.

**БЕҒАРАЗОНА** بی‌غرضانه на аз рӯи ғараз, холисона, бо нияти холис; бо дили соф; объективона, бетарафона: **дӯстии беғаразона, ёрии беғаразона, танқиди беғаразона**.

**БЕҒАШ** بی‌غش 1. олудаву омехтанашуда (*бо чизи камбаҳотар аз худ*), тилло ва нукрае, ки бо филиз дигар омехта нашудааст, беомезиш; соф, холис, сара. 2. шароби бедурд, соф, ноб. 3. *маҷ.* бериё, бемакру ҳила; пок, беолоиш; бекудурат: **дили беғаш, дӯстии беғаш, муҳаббати беғаш**.

**БЕҒИЛ** بی‌غل **:беғилу ғаш** а) соф, покиза, ноолуда; б) бекинаву фиреб, бенайрангу адо-

да; б) бекинаву фиреб, бенайрангу адоват.

**БЕҒОЯ** بی‌غایه он чи ғоя надорад, беидея; дорои ғояи паст (*дар бораи асарҳои санъат*).

**БЕҒУБОР** بی‌غبار он чи гарде рӯи онро нагирифтааст, ё бо гарду ғуборе олудаву омехта нест, соф, шаффоф: **осмони беғубор, оинаи беғубор**.

**БЕҒУРБАТ** بی‌غربت бечанҷол, ором, тинҷ: **диёри беғурбат**.

**БЕҒӮЛА** بی غوله *ниг.* **байғӯла**.

**БЕҒӮЛАНИШИН** بی‌غوله‌نشین *ниг.* **байғӯланишин**.

**БЕД I** بید дарахти бесамари соядор, ки шохҳои росту дароз дошта, бештар дар лаби ҷӯй ва ҷойҳои сернам мерӯяд ва навъҳои зерини он машҳур аст: **маҷнунбед, беди сурх (сурхбед), беди сиёҳ (сияҳбед), зарбед, беди сафед** *ва г.;* **чун барги бед ларзидан // чун бед ларзидан** *маҷ.* сахт ларзидан (*одатан аз тарс*); **ман тут гӯям, шумо бед мегӯед** (*зарб.*) ба саволи касе ҷавоби номувофиқ додан; сухани мусоҳибро дуруст нафаҳмида, гапи номувофиқ ва бемавқеъ гуфтан.

**БЕД II** بید *ниг.* **кӯя**.

**БЕДА** بیده алафи хушк; юнучқа (умуман): **банди беда, ғарами беда; беда додан, беда партофтан; бедаи кабуд** юнучқаи хушке, ки дар натиҷаи дар соя хушк кардан ранги кабуди худро нигоҳ доштааст.

**БЕДАБУРАК** بیده‌برک олати оҳанини махсус барои бурида майда кардани алафу хошоки ҳайвонот, аррадос.

**БЕДАБУРӢ** بیده‌بری буридани беда, бурида майда кардани беда.

**БЕДАВЛАТ** بی‌دولت 1. он ки молу мулк надорад, нодор, тангдаст, камбағал. 2. *маҷ.* бетолеъ, шӯрбахт; бечора, бесоҳиб.

**БЕДАВЛАТӢ** بی‌دولتی 1. камбағалӣ, нодорӣ, фақирӣ. 2. *маҷ.* бадбахтӣ, беиқболӣ, бетолеӣ.

**БЕДАВО** بی‌دوا 1. давонашаванда, бедармон, табобатнашаванд; сиҳатнашаванда, муолиҷанаёбанда, дармоннопазир, ноилоҷ. 2. *маҷ.* ислоҳнопазир, ғайри қобили ислоҳ, ислоҳнашаванда; **дарди бедаво** а) бемории сиҳатнашаванда, дарди муолиҷанопазир; б) *маҷ.* мушкиле, ки ҳалли он имконнопазир аст; вазъияти баде, ки аз он халосӣ муҳол аст.

**БЕДАВОМ** بی‌دوام давомнадошта, кӯтоҳмӯҳлат, кӯтоҳмуддат, кӯтоҳумр; нопойдор.

**БЕДАЛЕЛ** بی‌دلیل беасос, исботнашаванда: **гапи бедалел**.

**БЕДАЛЕЛӢ** بی‌دلیلی бедалел будан; исбот надоштан.

**БЕДАМ** بی‌دم беҳаво, дамнакарда, холӣ.

**БЕДАНДОН** بی‌دندان он ки дандон надорад, дандоннадошта: **даҳони бедандон; бедандон шудан**.

**БЕДАНДОНӢ** بی‌دندانی бедандон будан, дандон надоштан.

**БЕДАНҶИР** بیدانجیر *бот.* растании алафӣ, ки аз тухми он равғани гарчак (канадона) мегиранд.

**БЕДАПОЯ//БЕДАПАЯ** بیده‌پایه//بیده‌پیه юнучқазоре, ки юнучқааш даравида шудааст (*одатан баъд аз дарав ба он ҳайвонотро сар медиҳанд то ки боқимонда ва ё резупошшудаи юнучқаро чида хӯрад*).

**БЕДАР** بی‌در хонае, ки барои даробаро ҷои дар гузошта шуда бошад ҳам, дар шинонда нашудааст: **хонаи бедару тиреза**.

**БЕДАРАК** بی‌درک 1. беасар, беному нишон; бехабар; **бедарак шудан** а) беному нишон шудан, аз худ хабар надодан; б) номаълум ғайб задан, гум шуда рафтан. 2. бесабаб, беасос, беҳуда. 3. бидуни зарурат, бекор, бе қасди муайян; **бедарак нагуфтаанд, ки … // бедарак нест, ки** … бесабаб нест, ки …

**БЕДАРАНГ** بی‌درنگ *кит.* бетаъхир, фавран, бетаваққуф.

**БЕДАРАНГӢ** بی‌درنگی *кит.* 1. бетаъхир амал кардан. 2. *маҷ.* ноустувор, бепоя.

**БЕДАРАХТ** بی‌درخت дарахтнарӯида, дарахтнадошта: **замини бедарахт**.

**БЕДАРАХТӢ** بی‌درختی луч будани замин, дарахтнадошта.

**БЕДАРВОЗА** بی‌دروازه муҳавватае (ҳаётае) аз қабили ҳавлию сарой, ки дарвоза шинонда нашудааст; *муқ.* **бедар**; ◊ **шаҳри бедарвоза** ҷои беназорат, ҷои бесоҳиб.

**БЕДАРД** بی‌درد 1. он ки дарду беморие надорад,

солим. 2. беозор, дард накунонда. 3. *маҷ.* касе, ки ғаму алам надорад; беғаму бепарво; ◊ **бедарди миён** бидуни меҳнат, осонакак, муфт, ройгон (*мас.,* **пули бедарди миён** пули муфт бадастомада).

**БЕДАРДГАРДОНӢ** بی‌دردگردانی рафъи ҳисси дард, карахт кардан (*ба воситаи дору*).

**БЕДАРДИСАР** بی‌دردسر беташвиш: **кори бедардисар**.

**БЕДАРДӢ** بی‌دردی 1. бедард будан, дард надоштан. 2. *маҷ.* беғамӣ, бепарвоӣ.

**БЕДАРЕҒ** بی‌دریغ 1. бе ҳайфу афсӯс, бе пушаймонию надомат; раҳм накарда, бераҳмона. 2. бидуни музояқа, дареғ надошта, хасисӣ накарда, саховатмандона. 3. *маҷ.* ҷоннисорона, ҷонро дареғ надошта.

**БЕДАРМОН** بی‌درمان 1. *ниг.* **бедаво**. 2. камқуввват, беҳол, бемадор, нотавон.

**БЕДАРМОНӢ** بی‌درمانی 1. бедармон будан, муолиҷанопазирӣ, сиҳатнашавандагӣ. 2. беҳолӣ, бемадорӣ; камқувватӣ, сустӣ.

**БЕДАРОМАД** بی‌درامد даромаднадошта, бидуни дахл; бефоида, бесуд; нафъ ва манфиат надошта: **харҷи бедаромад**.

**БЕДАСТ** بی‌دست он ки даст надорад; ◊ **бедасту по** ноӯҳдабаро, беҳунар, мӯҳмал.

**БЕДАСТА** بی‌دسته ҳар чизе, ки даста надорад (*аз қабили* кӯза, чойник, табар).

**БЕДАСТАР** بیدستر *зоол.* ҷонвари ширхӯр аз хонаводаи хояндагон, ки ҷуссаи нисбатан калон ва пӯсти зебое дорад ва хуб шино мекунад.

**БЕДАСТГОҲ** بی‌دستگاه *кит.* дову дастгоҳнадошта; бечизу чора: **дарвеши бедастгоҳ**.

**БЕДАСТГОҲӢ** بی‌دستگاهی бечизӣ, бенавоӣ, фақирӣ, камбағалӣ.

**БЕДАСТЁР** بی‌دستیار дастёрнадошта; бемададгор.

**БЕДАСТЁРӢ//БЕДАСТИЁРӢ** بی‌دستیاری бедастёр будан, мададгору ёридиҳанда надоштан.

**БЕДАХЛ** بی‌دخل *кит.* 1. бе дахолати касе, бидуни мудохила. 2. *ниг.* **бедаромад**.

**БЕДАХОНА** بیده‌خانه ҷой барои нигоҳ доштани юнучқаву алафҳои дигари хушкондашуда, анбори беда.

**БЕДАҲАН//БЕДАҲОН** بی‌دهن//بی‌دهان баддаҳан, бадзабон, бадгап; сергап, лаққӣ.

**БЕДБАРГ** بیدبرگ 1. барги бед. 2. *кҳн.* пайкони тир, ки шаклаш ба барги бед монанд аст.

**БЕДБУН** بیدبن *кит.* дарахти бед.

**БЕДГУЛ** بیدگل дарахти бутташакли ҳамешасабз, ки гулҳои сурх, сафед ва гулобиранг дорад.

**БЕДГУН** بیدگون бедранг, ба ранги бед, сабзу кабуд.

**БЕДЕВОР** بی‌دیوار 1. бино ва ё иморате, ки дар болои пояҳо бе девор сохта шудааст. 2. ҳавлие, ки атрофаш бо девор иҳота нашудааст.

**БЕДЗОР** بیدزار макони бисёрии бед, ҷое, ки дарахтони бед анбӯҳ рӯидаанд, бедистон.

**БЕДИЁНАТ** بی‌دیانت 1. он ки фармудаҳои дину мазҳабро риоя намекунад, бедин, бемазҳаб, мулҳид. 2. *маҷ.* ноинсоф, бевиҷдон, норосткор.

**БЕДИЁНАТӢ** بی‌دیانتی 1. бединӣ, ломазҳабӣ, мулҳидӣ. 2. *маҷ.* ноинсофӣ, бевиҷдонӣ

**БЕДИҚҚАТ** بی‌دقّت он ки ба иҷрои коре нағз диққат намекунад, сарсарӣ, бепарво, бетаваҷҷӯҳ.

**БЕДИҚҚАТӢ** بی‌دقّتی бедиққат будан, бепарвоӣ, беэътиноӣ, бетаваҷҷӯҳӣ.

**БЕДИЛ** بیدل 1. дилхунук, дилмонда, дилгир: **бедил шудан** *аз касе*. 2. *кит.* ошиқи дилбохта, ошиқи беқарор. 3. *маҷ.* тарсончак, буздил, бегурда. 4. тахаллуси шоири бузурги форсу тоҷик Мирзо Абдулқодир (1644-1721).

**БЕДИЛӢ** بیدلی 1. дилхунукӣ, дилмондагӣ. 2. *маҷ.* тарсончакӣ, буздилӣ.

**БЕДИЛОН** بی‌دلان **:дилу бедилон** хоҳону нохоҳон, хоставу нахоста, дилаш кашидаю накашида; дилхунукона.

**БЕДИЛХОН** بیدلخوان 1. он ки ашъори Бедилро аз девони ӯ азёд мехонад. 2. *таър.* талабаи синфҳои болоии мадрасаҳои пешин, ки дар марҳилаи охири таълими савод девони ғазалиёти Бедилро мехонд ва шарҳ медод.

**БЕДИЛХОНӢ** بیدلخوانی 1. хондани ашъори Бедил. 2. маҳфиле, ки аъзои он бо шарҳи ашъори Бедил машғул буданд.

**БЕДИЛШИНОС** بیدل شناس адабиётшиносе, ки мавзӯи омӯзиш ва тадқиқоти ӯ эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил мебошад.

**БЕДИЛШИНОСӢ** بیدلشناسی шохае дар адабиётшиносӣ, ки ба омӯзишу таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти адабии Мирзо Абдулқодири Бедил ва мактаби ӯ машғул аст.

**БЕДИМОҒ** بی‌دماغ димоғсӯхта, хафа, зиқ, хиратабъ.

**БЕДИМОҒӢ** بی‌دماغی димоғсӯхтагӣ, хафагӣ, зиқӣ, хиратабъӣ.

**БЕДИН** بی‌دین он ки ба дин эътиқод надорад ва расму русуми шариатро риоя намекунад, бемазҳаб; аз дин рӯй гардонда, мулҳид.

**БЕДИНӢ** بی‌دینی бедин будан, эътиқод надоштан ба дину мазҳаб.

**БЕДИСТОН** بیدستان 1. *ниг.* **бедзор**. 2. *маҷ.* боғи бесамар.

**БЕДМУШК** بیدمشک дарахте аз ҷинси бед, ки гули зарди сабзтоби бисёр хушбӯй дорад; араки онро мегиранд, ки хеле хушбӯ буда, хосияти давоӣ дорад.

**БЕДОВ** بیداو **:бедову дастгоҳ** *гуфт.* беасбобу ускуна; бечизу чора.

**БЕДОҒ** بی‌داغ 1. он ки дар рӯи пӯсташ доғ - нишонаҳои сиёҳчатоб надорад. 2. ҳар чизе, ки дар он лаккае нест, соф, пок, ғайри доғдор.

**БЕДОД** بی‌داد 1. беадолатӣ, зулм, ситам, ҷавр: **бедоду ситам, зулму бедод; аҳли бедод** золимон, ситамгарон, ҷафопешагон. 2. оҳу фиғон, нолаву зорӣ: **доду бедод; доду бедод кардан**.

**БЕДОДГАР** بی‌دادگر золим, ситамгар, ҷафопеша.

**БЕДОДГАРӢ** بی‌دادگری беадолатӣ, зулм, ситам: ҷавр, ҷафо, истибдод: **бедодгарӣ кардан**.

**БЕДОДГАРОНА** بی‌دادگرانه беадолатона, ноинсофона; золимона, ситамгарона.

**БЕДОДӢ** بی‌دادی *ниг.* **бедодгарӣ**.

**БЕДОДПЕША** بی‌دادپیشه *ниг.* **бедодгар**.

**БЕДОЛ** بی‌دال **:бедолу дарахт** маконе, ки ҳеҷ дарахт надорад (*дашт, биёбон, саҳро ва г.*).

**БЕДОНА I** بیدانه парандаи саҳроии хушовоз, ки аз гунҷишк калонтар мебошад (*шавқмандон онро сайд карда, барои овози форам ё ҷангӣ буданаш дар хонаҳо нигоҳ медоранд*), вартиш, карак: **бедонаи ҷеғӣ, бедонаи ҷангӣ**.

**БЕДОНА II** بیدانه мевае, ки донак надорад (*аз қабили* ангури кишмиш): **хурмои бедона**.

**БЕДОНАБОЗ** بیدانه‌باز он ки бедонаҳоро барои ҷанг андохтан нигоҳ медорад.

**БЕДОНАБОЗӢ** بیدانه‌بازی бедона доштан ва ҷанги бедона ташкил кардан, амали бедонабоз.

**БЕДОНАК** بیدانک 1. растание, ки аз тухм намерӯяд (*аз қабили* сафедор, бед *ва г.*). 2. *ниг.* **бедона** II.

**БЕДОНИШ** بی‌دانش беилм, бесавод, нодон, ҷоҳил.

**БЕДОНИШӢ** بی‌دانشی бедониш будан, бесаводӣ, нодонӣ, ҷоҳилӣ.

**БЕДОР** بیدار 1. он ки дар ҳолати хоб нест; *муқоб.* **хуфта** ва **хобида**: **аз хоб бедор кардан, аз хоб бедор шудан; бедор мондан** нахобидан, хоб нарафтан; **шабро бедор гузаронидан** шабзиндадорӣ кардан, бедорхобӣ кашидан. 2. *маҷ.* ҳушёр, огоҳ, бохабар; **бедор кардан** а) касеро аз хоб хезондан; б) *маҷ.* касеро аз чизе огоҳонидан; аз ҳолати ғафлат ва бехабарӣ баровардан; **бедор шудан** а) аз хоб хестан; б) ҳушёр шудан, огоҳ шудан; бохабар шудан; в) *маҷ.* аз ғафлат баромадан, аз ҷаҳолат раҳоӣ ёфтан; г) *маҷ.* дар аввали баҳор зинда шуда, ба муғчабарорӣ сар кардани дарахтон ва ба неш задан шурӯъ кардани наботот; ◊ **бахти бедор // толеи бедор** бахти мусоид ва мададгор, толеи омадкарда; **аз хоби ғафлат бедор шудан** аз нодонию ҷаҳолат баромадан, бохабар шудан (*аз воқеаву ҳодисаҳои рӯзгор*).

**БЕДОРБАХТ** بیداربخت *маҷ.* хушбахт, саодатманд, батолеъ.

**БЕДОРБОШ** بیدارباش овоз ва садое, ки барои бедор шудани одамон дар сарбозхонаҳо ва муассисаҳои дигари низомиву қудратӣ монанди овози шайпур дар бошишгоҳҳои ҳарбӣ садо медиҳад.

**БЕДОРДИЛ** بیداردل дилогоҳ, зиндадил, равшанзамир, бомаърифат; *муқоб.* **ғофил**.

**БЕДОРДИЛӢ** بیداردلی бедордил будан, ҳушёрӣ, огоҳӣ.

**БЕДОРӢ** بیداری 1. бедор будан, ҳолати ғайри хоб, дар хоб набудан, бехобӣ. 2. *маҷ.* ҳушёрӣ, огоҳӣ, хабардорӣ; маърифатнокӣ.

**БЕДОРМАҒЗ** بیدارمغز *киноя аз* оқилу ҳушёр ва огоҳ.

**БЕДОРФИКР** بیدارفکر *маҷ.* ҳушёру доно; хабардор, огоҳ, бомаърифат.

**БЕДОРХОБ** بیدارخواب азхобмонда, хобпарида; **бедорхоб будан** нахобидан; шабро бедор гузаронидан.

**БЕДОРХОБӢ** بیدارخوابی аз хоб мондан, нахобидан, ҳолати касе, ки шаб хоб карда натавонистааст; **бедорхобӣ кашидан** нахобида шабро рӯз кардан (*аз беморие*), шабзиндадорӣ кардан.

**БЕДОРШУДА** بیدارشده *сифати феълии замони гузашта аз* **бедор шудан**; 1. аз хоб бархоста. 2. огоҳшуда, ҳушёршуда.

**БЕДОШТ** بی‌داشت ҳар чизе, ки дошт надорад, бебақо; *муқоб.* **бадошт**.

**БЕДУД** بی‌دود 1. дуднадошта, холӣ аз дуд; соф, фурӯзон; дуд намекардагӣ: **оташи бедуд, чароғи бедуд, шамъи бедуд, шӯълаи бедуд**. 2. *маҷ.* ҳар чизе (одатан таоме), ки муфт, бе меҳнат ба даст меояд: **ҳалвои бедуд, шӯрбои бедуд; бедуд сӯхтан** *киноя аз* номаълум ғам хӯрдан, ба дигарон аён накарда, дар оташи ғаму андӯҳ сӯхтан.

**БЕДУДМОН** بی‌دودمان *кит.* он ки хонаву хонавода надорад, бехонумон.

**БЕДУМ** بی‌دم думнадошта; думбурида: **хари бедум**.

**БЕЁВАР** بی‌یاور он ки мададгору ёрирасоне надорад.

**БЕЁВАРӢ** بی‌یاوری беёвар будан, мададгору ёрирасон надоштан.

**БЕЁД** بی‌یاد беҳуш, аз ҳуш рафта.

**БЕЁР** بی‌یار он ки ёру дӯст надорад, яккаву танҳо, бекасу бепаноҳ.

**без** بیز *асоси замони ҳозира аз* **бехтан**.

**БЕЗ** I بیز 1. лӯндачаи гӯштии бо иллате шах ва гиреҳшуда, ки аз даруни равған ё гӯшт мебарояд, ғудда, ғадуд. 2. *тиб.* яке аз узвҳои инсон ва ҳайвонот, ки барои хун моддаҳои ҳаётан зарур ҷудо мекунад ва моддаҳои нодаркориро ҷудо карда, берун меандозад: **безитаги гулӯ**.

**БЕЗ** II بیز *гуфт.* навъи матои пахтагини дурушт, хомсуф.

**БЕЗАБОН** بی‌زبان 1. он ки умуман қобилияти нутқ надорад, гунг, лол: **ҳайвони безабон, махлуқи безабон**. 2. он ки маҳорати баланди суханпардозӣ надорад, оҷиз дар нутқ. 3. *маҷ.* сокит, хомӯш. 4. *маҷ.* ҳайвон.

**БЕЗАБОНӢ** بی‌زبانی хомӯшӣ, сукут, сокитӣ, тавони сухангӯӣ надоштан: **безабонӣ нишонаи марг аст** (*мақ.*).

**БЕЗАВҚ** بی‌ذوق 1. он ки шавқу завқ ва майлу рағбат ба чизе ё коре надорад. 2. шахсе, ки зебоиро ҳис намекунад ва аз он лаззат намебарад.

**БЕЗАВҚӢ** بی‌ذوقی безавқ будан; бесалиқагӣ.

**БЕЗАВОЛ** بی‌زوال заволнопазир, ҳамешагӣ, ҷовид, абадӣ; офатнопазир, намуранда: **бахти безавол, ишқи безавол, ҳусни безавол**.

**БЕЗАВОЛӢ** بی‌زوالی заволнопазир будан, абадӣ будан; абадият.

**БЕЗАДА** بی‌زده **:ҳиҷои безада** *збш.* ҳиҷое, ки ҳангоми талаффуз ба он зада намеафтад.

**БЕЗАМИН** بی‌زمین он ки барои киштукор замини хусусӣ надорад: **деҳқони безамин, камбағали безамин**.

**БЕЗАМИНА** بی‌زمینه заминанадошта, беасос, бепоя, бебунёд.

**БЕЗАМИНӢ** بی‌زمینی безамин будан, замини кишт надоштан.

**БЕЗАН** بی‌زن марде, ки зан нагирифтааст, ё дар айни ҳол зан надорад, муҷаррад.

**БЕЗАНӢ** بی‌زنی безан будан, зан надоштан (-и мард).

**БЕЗАР** بی‌زر *кит.* бепул; бебизоат, бенаво; нотавон, бечора.

**БЕЗАРАР** بی‌ضرر 1. чизе (коре), ки зиён ва нуқсон надорад, бенуқсон, беайб. 2. касе (чи-

зе), ки аз вай ба касе (чизе) зиёне намерасад: **одами безарар, доруи безарар; безарар кардан** қобилияти зиёнрасонии чизе ё касеро аз байн бурдан; коре кардан, ки осебе расонда натавонад; **безарар мондан** осеб нарасида мондан, зарар надидан.

**БЕЗАРДА** بی‌زرده тарсончак, бечуръат; беору номус, беҳамият.

**БЕЗАРӢ** بی‌زری *кит.* бепулӣ; бебизоатӣ, бенавоӣ, камбағалӣ.

**БЕЗАРФ** بی‌ظرف аз зарф истифода набурда, бидуни зарф: **безарф кашондани бор**.

**БЕЗАРФИЯТ** بی‌ظرفیت камҷанба, он ки тоқати шунидани суханҳои дигаронро надорад ва беэътиноӣ зоҳир мекунад.

**БЕЗАРФИЯТӢ** بی‌ظرفیتی безарфият будан, камтаҳаммул будан.

**БЕЗАРФӢ** بی‌ظرفی холӣ будан, бетаҳаммул, худписандӣ, дуруштӣ.

**БЕЗАҲМАТ** بی‌زحمت осон, бароҳат.

**БЕЗАҲРА** بی‌زهره бечуръат, тарсончак.

**БЕЗАҲРАГӢ** بی‌زهرگی бечуръатӣ, тарсончакӣ.

**БЕЗГАК** بیزگک *гуфт.* табларза, вараҷа; **безгак гирифтан** а) саршавии бемории безгак; б) *маҷ.* сахт тарсида ларзидан.

**БЕЗЕБ** بی‌زیب нозеб, аз назокат дур, хунук: **рафтори безеб**.

**БЕЗЕБӢ** بی‌زیبی безеб будан, аз ҳусну зебоӣ дур будан.

**БЕЗИЁ** بی‌ضیا *кит.* бенур, бепартав, бедурахшиш: **безиё шудан**.

**БЕЗИЁН** بی‌زیان 1. *ниг.* **безарар**. 2. зарарнадида, бидуни офату осеб. 3. зарарноовар, хисоратнаоваранда: **моли безиён, савдои безиён**.

**БЕЗИЁНӢ** بی زیانی безиён будан, зарару зиён надоштан.

**БЕЗИНҲОР** بی‌زینهار//بی‌زنهار *кит.* беамон, бераҳм.

**БЕЗОБИТА** بی‌ضابطه 1. баташвишафтода, баташвишмонда, бесаранҷом: **безобита кардан, безобита шудан**. 2. парешон, мушаввашхавотир.

**БЕЗОБИТАГӢ** بی‌ضابطگی бесаранҷомӣ, парешонӣ, мушаввашӣ, дар хавотир будан, ба изтироб афтодан.

**БЕЗОВАР** بیزاور *кит.* беқувват, беқудрат, беиқтидор.

**БЕЗОД** بی‌زاد бетӯша, бидуни тӯша.

**БЕЗОН** بیزان 1. *феъли ҳол аз* **бехтан;** дар ҳоли бехтан. 2. безанда. 3. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* безанда, ғирболкунанда: **атрбезон**, **гулбезон**.

**БЕЗОР** بیزار бемайл ва берағбат нисбат ба чизе, рӯгардоншуда, гурезон (*аз чизе ё касе*); мутанаффир; **аз бекор ҳама безор** (*зарб.*); **безор кардан** *касеро* бо ягон ҳаракат ё кори худ касеро ба ҷон расондан; **аз ҷон безор кардан (шудан)** аз ҷон сер кардан (шудан); ба ҷон расондан (расидан), ниҳоят танг кардан (шудан), дилгир кардан (шудан).

**БЕЗОРӢ** بیزاری *гуфт.* авбош, бекоргард, тарбиятнодида, вайронгари тартиботи ҷамъиятӣ.

**БЕЗОРКУНАНДА** بیزارکننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **безор кардан**; нафратовар, дилбазан, дилгиркунанда.

**БЕЗОТ** بی‌ذات 1. зотнадошта, бадзот: **ҳайвони безот**. 2. *таҳқ.* беаслу насаб, ноҷинс.

**БЕЗУРЁТ//БЕЗУРИЁТ** بی‌ذریات он ки аз ӯ фарзанд намешавад, бенасл, беавлод.

**БЕЗУРЁТӢ//БЕЗУРИЁТӢ** بی‌ذریاتی безурёт будан; надоштани қобилияти фарзанддоршавӣ, беавлодӣ.

**БЕИБО** بی‌ابا аз ҳеҷ чиз худдорӣ накарда, имтиноъ наварзида; беистиҳола, беҳаё.

**БЕИБОГӢ//БЕИБОӢ** بی‌اباگی//بی‌ابایی беибо будан, беистиҳолагӣ, беҳаёӣ.

**БЕИБОЁНА** بی‌ابایانه ибо накарда, истиҳола накарда; густохона.

**БЕИДЕЯ** بی‌ادیه *ниг.* **беғоя**.

**БЕИДРОК** بی‌ادراک бефаҳм, қобилияти дарк кардани чизеро надоштан.

**БИЗНЕСМЕН** *англ.* بزنیسمین корчаллон; бозаргон, савдогар, тоҷир; соҳиби муассисаи тиҷоратӣ ва саноатӣ.

**БИЗОАТ** *а.* بضاعت молу чиз, чизу чора, дороӣ; бисот.

**БИЗОН** *лот.* بزان *зоол.* гови ёбоии амрикоӣ.

**БИЗЪ(А)** *а.* بضع *кҳн.* 1. шумораҳои аз 3 то 9. 2. чанд, якчанд.

**БИЙ** *т.* بی *таър.* яке аз рутбаҳои олӣ дар аморати Бухоро.

**БИКА** بکه *гуфт.* хонум (*дар Бухоро занони соҳибэҳтиром ва давлатмандро чунин хитоб мекарданд*); *муқ.* **бибӣ**, **хотун**, **бону**.

**БИКР** *а.* بکر 1. дӯшиза, афифа; духтар (-и ба шавҳар набаромада). 2. *маҷ.* ҷое, ки пои одамизодро надидааст ва ё дасти он нарасидааст (*мас.*, *замин, биёбон, беша ва г.*). 3. *маҷ.* нав, тару тоза: **фикри бикр**, **мазмуни бикр**.

**БИКРУЛАМАЛ** *а.* بکرالعمل тозакор, навкор, дар фаъолияти корӣ навандеш.

**БИЛЕТ** *фр.* بلیت 1. ҳуҷҷат барои истифода аз нақлиёт (*қатора, ҳавопаймо, автобус ва г.*) ва ё барои дохил шудан ба тамошогоҳҳо (*кино, театр ва г.*), ки ба ивази пул медиҳанд; пата (*барои қатора*), чипта: **билет гирифтан, билет додан**, **билет харидан**. 2. ҳуҷҷати расмӣ (*одатан ба шакли китобча ё дафтарча*), ки аз тааллуқ доштан ба ягон созмон, ҳизб ва ё аз ӯҳдадор будан дар коре шаҳодат медиҳад:

**билети ҳизбӣ**, **билети ҳарбӣ**, **билети донишҷӯӣ**. 3. варақае, ки дар он саволҳои имтиҳонӣ навишта шудааст: **билети имтиҳонӣ**.

**БИЛЕТФУРӮШ** بليتفروش он ки билет мефурӯшад, фурӯшандаи билет, чиптафурӯш.

**БИЛЕТФУРӮШӢ** بليتفروشى амали билетфурӯш; билет (1) фурӯхтан; чиптафурӯшӣ.

**БИЛКУЛЛ** *а.* بالكل ба таври куллӣ, ба куллӣ, куллан, тамоман.

**БИЛҚУВВА** *а.* بالقوّه дар қувват ва имконият, ба ҳолати зухур ва вуқӯъ нопайваста, аз қувва ба феъл наомада.

**БИЛЛАҲ** *а.* بالله *ниг.* **биллоҳ**.

**БИЛИЯРД** *фр.* بليرد навъи бозӣ бо гӯйҳо ва чӯби билиярдбозӣ (кий), ки дар рӯи мизи махсус сурат мегирад.

**БИЛИЯРДБОЗ** بليردباز он ки билиярд бозӣ мекунад ва дар бозии билиярд малака ва маҳорат дорад.

**БИЛИЯРДБОЗӢ** بليردبازى 1. *ниг.* **билиярд**. 2. *мансуб ба* **бозии билиярд**: **хонаи билиярдбозӣ**.

**БИЛЛИОН** *фр.* بليان адади муодили ҳазор миллион, миллиард.

**БИЛЛОҲ** *а.* بالله *калимаи қасам, ки барои бовар кунондани касе ба чизе ё коре истифода мебаранд*: ба Худо ки, қасам ба Худо; **биллоҳ** *гуфт*. қасам ба Худо.

**БИЛМАРРА** *а.* بالمرّه *кит.* 1. якбора, дафъатан. 2. тамоман, ҳама.

**БИЛМУОЯНА** *а.* بالمعاينه *кит.* 1. бо чашмони худ дида. 2. аён ва ошкоро.

**БИЛО** *а.* بلا *пешванди инкорӣ дар калима ва ибораҳои аз забони арабӣ иқтибосшуда;* бе, бидуни..., ғайри... (*мас.*, **биловосита**, **билоирода**, **билоистисно**).

**БИЛОАМАЛ** *а.* بلاعمل *кит.* беамал: **илми билоамал**.

**БИЛОД** *а.* بلاد *ҷ.* **балад (балда)**.

**БИЛОИВАЗ** *а.* بلاعوض беиваз, бебадал; муфт, ройгон.

**БИЛОИРОДА** *а.* بلااراده *кит.* аз ғайри хоҳиш ва ихтиёр.

**БИЛОЛ** *а.* بلال *кит.* 1. об ва чизе, ки бо он гулӯро тар мекунанд. 2. *таър.* номи муаззини ҳабашӣ, ки дар замони Муҳаммад (с) мезист.

**БИЛОНИҲОЯ** *а.* بلانهايه *кит.* бениҳоят, аз ҳад зиёд: **саломи билониҳоя**.

**БИЛООХИР** *а.* بلاآخر беохир, беинтиҳо.

**БИЛОТАВАҚҚУФ** *а.* بلاتوقف *кит., ниг.* **бетаваққуф**.

**БИЛОТАЪХИР** *а.* بلاتأخير *кит., ниг.* **бетаъхир**.

**БИЛОХИРА** *а.* بالآخره дар охир, ахиран; ниҳоят, дар ниҳояти кор.

**БИЛФАВР** *а.* بالفور фавран, дарҳол, даррав.

**БИЛФАРЗ** *а.* بالفرض фаразан, аз рӯи фарз, фарз кардем, ки...

**БИЛФЕЪЛ** *а.* بالفعل *кит.* дар амал, дар воқеъ, воқеан; дар ҳоли ҳозир, ҳоло, феълан.

**БИЛХОС(С)А** *а.* بالخاصه хусусан, алалхусус, махсусан.

**БИЛҶУМЛА** *а.* بالجمله умуман, хулоса (тан), хуллас.

**БИЛЪАКС** *а.* بالعكس *ниг.* **баръакс**.

**БИЛЯРД** بليرد *ниг.* **билиярд**.

**БИЛЯРДБОЗ** بليردباز *ниг.* **билиярд**.

**БИЛЯРДБОЗӢ** بليربازى *ниг.* **билиярдбозӣ**.

**БИМ** بيم тарс, ҳарос; хавф, хатар: **бими гуруснагӣ**, **бими марг**, **биму ҳарос**, **аз бими он ки...**; **бим додан** тарсондан; **бим доштан** *аз чизе* (*касе*) хавф доштан аз чизе (касе); **дар бим афтодан** ба тарсу воҳима афтодан; **дар бим шудан** тарсидан, ба воҳима афтодан.

**БИМА** بيمه 1. қарордоде, ки миёни ду тараф (бимагузор ва бимагар) баста шуда, дар асоси он бимагар бо гирифтани маблағи муайян аз тарафи бимагузор ӯҳдадор мешавад, то ӯро ҳангоми дучор шудан ба хатарҳои эҳтимолӣ (*сӯхтор, сел ва г.*) ҳимоя карда, маблағи зиёни воридшударо ҷуброн намояд, суғурта. 2. ширкат ё созмоне, ки корҳои марбут ба бимаро анҷом медиҳад, ширкати суғурта. 3. дорои замонат ва масъулият ҳангоми рӯй додани хатар ё осеб дидан.

**БИМАГАР** بيمه‌گر шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ, ки ӯҳдадор аст, то шахси бимагузорро дар мав-

риди дучор шудан ба хатари эҳтимолӣ ҳимоят ё зарари ӯро ҷуброн кунад; суғуртакунанда.

**БИМАГУЗОР** بیمه‌گذار шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки сармоя, амвол ва ҷони худро бима кардааст, суғурташаванда.

**БИМАНОМА** بیمه‌نامه *нав.* қарордоди бима, ки дар он шартҳо ва ҳуқуқҳои бимагузор ва бимагар зикр шудааст.

**БИМАШУДА** بیمه‌شده *ниг.* **бимагузор**.

**БИМГОҲ** بیمگاه ҷои хатарнок, маҳалли хавфу хатар.

**БИМЗАДА** بیمزده гирифтори хавф ва тарсу ваҳм; **бимзада шудан** ҳамеша дар ҳолати тарсу ҳарос қарор доштан.

**БИМНОК** بیمناک 1. тарсовар, даҳшатангез, воҳиманок. 2. тарсанда; он ки дар тарсу ҳарос аст.

**БИМОЛУД** بیم‌آلود олуда ба тарс, ҳамроҳ бо тарсу ҳарос.

**бин** بن 1. *асоси замони ҳозира ва феъли фармоиш аз* **дидан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* бинанда: **борикбин**, **дақиқбин**, **заррабин**.

**БИН** بن *ниг.* **ибн**.

**БИНАНДА** بیننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **дидан**; тамошобин. 2. он ки дида метавонад, қобилияти биноӣ дорад, бино, басир.

**БИНИБОРИК** بینی‌باریک *ниг.* **борикбинӣ**.

**БИНИДАРӢ** بینی‌دری зеҳтахта, ки дар як табақи дару дарвоза барои нигоҳ доштани табақи дуюм парчин мекунанд.

**БИНИДАРОЗ** بینی‌دراز он ки бинии дароз дорад, дарозбинӣ.

**БИНИДАРОЗАКҲО** بینی‌درازکها *зоол.* оилаи гамбускҳо, ки хартумчаҳои дароз доранд.

**БИНИКАЛОН** بینی‌کلان он, ки бинии калон дорад.

**БИНИКАҶ** بینی‌کج он ки теғаи бинии ӯ ба иллате каҷ шудааст.

**БИНИКАШӢ** بینی‌کشی бо бинӣ кашидани ҳаво барои начакидани оби бинӣ.

**БИНИПАЧАҚ** بینی‌پچق *ниг.* **бинипучуқ**.

**БИНИПУЧУҚ** بینی‌پُچُق он ки қисми болоии (назди чашми) биниаш фурӯрафта мебошад.

**БИНИСУРХ** بینی‌سرخ он ки ранги пӯсти бинии ӯ ба иллате сурх аст.

**БИНИШ** بینش 1. *исми феълӣ аз* **дидан**; қобилияти дидан, биноӣ: **нури биниш**, **чашмони аз биниш монда**. 2. басират, дид, назар.

**БИНИШВАР** بینشور *кит.* дорои биниш, дорои қобилияти дид, бино, бинанда.

**БИНӢ** بینی узви ҳисси шомаи инсон ва ҳайвон, димоғ: **бинии борик**, **бинии дароз**, **бинии уқобии нӯгхамида**, **парраи бинӣ**, **теғаи бинӣ**; **бинӣ афшондан** нафасро бошиддат аз бинӣ бароварда холӣ кардани роҳи нафас аз оби бинӣ, **бинӣ кашидан** бо бинӣ ҳаворо сахт ба дарун кашидан, то ин ки оби бинӣ начакад. 2. қисми пеши чизе: **бинии киштӣ, бинии кафш**; ◊ **дар таги бинӣ** наздик; хеле наздик; **ду даст дар бинӣ** а) бо дасти хушку холӣ, бе дастовез; б) ба чизе соҳиб нашуда; ба мақсад нарасида; **бо бинӣ заминро хат кашидан** бо гардани хам, сархамона; **бинии** *касе* **бӯй бурдан** аз чизе пай бурдан, бохабар шудан аз сирре; **биниро боло гирифтан** ҳавобаланд шудан, писанд накардан дигаронро; **аз бинии** *касе* **баровардан** (*чизеро*) ба нохушӣ гирифтор кардани касе дар ҷавоби кирдораш, ҷазои амали нодурусти касеро додан; қасди чизеро аз касе гирифтан; **аз бинии** *касе* **баромадан** бо нохушӣ анҷом ёфтан (-и коре, хурсандие); ҷазои амали нодурусти худро дидан; **аз бинӣ боло гап задан** ба касе гапи аз ҳадди муқаррарӣ сахттар задан; ба касе дурушт муомила кардан; **биниашро гиред (доред), ҷонаш мебарояд** хеле лоғару нотавон аст.

**БИНО** I *а.* بنا 1. иморат, хона: **бинои истиқоматӣ**, **бинои мактаб**. 2. асос, бунёд: **бинои умр**, **бинои ҷаҳон**; **бино ёфтан** сохта шудан; **бино кардан (намудан, сохтан)** а) сохтан, бунёд кардан; б) ба вуҷуд овардан, офаридан: барпо кардан; **бино шудан // бино гардидан** сохта шудан; ◊ **бино ба**… назар ба…, аз рӯи…: **бино ба қавли…, бино ба хабари пешакӣ**, **бино ба эътирофи**….; **бино мондан** а) ниҳоят диққат додан, аҳамияти бисёр додан; б) бо ягон чиз ё каси худ фахр кардан; худситоӣ кардан; **бинои** *кореро* (*чизеро*) **гузоштан** ба коре шурӯъ кардан.

**БИНО** II بینا бинанда, басир, соҳиби қобилияти дидан: **чашми бино**, **дидаи бино**; **кӯр чӣ мехоҳад? – ду дидаи бино** (*зарб.*)

**БИНОАН** *а.* بناءً бинобар ин, ба ин сабаб.

**БИНОБАР** بنابر *пайвандак* ба сабаби..., барои...; **бинобар ин (он)** аз ин сабаб, аз ин рӯ.

**БИНОГАР** بناگر *ниг.* **биносоз**.

**БИНОДИЛ** بینادل *кит.* равшанзамир, хирадманд, ҳушманд.

**БИНОӢ** I بینائی 1. яке аз қувваҳои ҳисси панҷгонаи инсон – қобилияти дидан, қувваи босира. 2. бино будан, дорои қобилияти бинандагӣ.

**БИНОӢ** II بینائی *гуфт.* лоиқи дидан, ба дидан арзанда, диданӣ; хуб, марғуб.

**БИНОКОР** بناکار 1. он ки бо кори сохтмон машғул аст; **устои бинокор** роҳбари як қисми сохтмон, ки якчанд бинокор таҳти назорати ӯ кор мекунанд. 2. *маҷ.* бинокунанда, созанда, офаранда: **бинокори ҳаёти нав**.

**БИНОКОРӢ** بناکاری 1. сохтани бино, иморатсозӣ, сохтмон: **гурӯҳи бинокорӣ**, **муассисаи бинокорӣ**. 2. *мансуб ба* сохтани бино ва умуман сохтмон; **масолеҳи бинокорӣ** ашё, ки барои сохтмон сарф мешавад (*аз қабили* чӯб, рег, хишт, семент *ва г.*).

**БИНОКУНАНДА** بناکننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **бино кардан**; созанда, бунёдкунанда, офаранда, эҷодкор.

**БИНОСОЗ** بناساز хонасоз, устое, ки иморат месозад.

**БИНОСОЗӢ** بناسازی иморатсозӣ, бинокорӣ, сохтмон.

**БИНСИР** *а.* بنصر ангушти чаҳорум, ки дар байни ангушти миёна ва хурд воқеъ аст, ангушти беном, ангушти зинҳор.

**БИНТ** I *а.* بنت *кит.* духтар.

**БИНТ** II *олм.* بنت *тиб.* докаи тасмашакл, ки барои бастани ҷароҳат *ва г.* ба кор мебаранд, тасмадока: **бинт бастан**, **бинтро кушодан**, **бо бинт печонидан**.

**БИНТПЕЧ** بنتپیچ :**бинтпеч кардан** бо бинт печондан, бастан (*ҷароҳатро, захмро*).

**БИОЛОГ** *ю.* بالاگ мутахассис ва олими соҳаи биология, ҳаётшинос.

**БИОЛОГИЯ** *ю.* بیآلاگیه илмест, ки қонунияти пайдоиш ва такомули табиати зиндаро меомӯзад, илми ҳаёт, ҳаётшиносӣ.

**БИОЛОГӢ** بیآلاگی *мансуб ба* **биология**: **илмҳои биологӣ**, **экспедитсияи биологӣ**, **таҳқиқоти биологӣ**.

**БИОНИКА** *ю.* بیآنکه як соҳаи кибернетика, ки имконияти ҳалли масъалаҳои муҳандисиро дар асоси таҳлили сохт ва фаъолияти ҷисмҳои зинда меомӯзад.

**БИОСЕНОЗ** *ю.* بیآسیناز маҷмӯи растанӣ ва ҳайвонот, ки дар муҳити шароиташ якхела ҳамроҳ воқеъ шудаанд: **биосенози пахта**.

**БИОСФЕРА** *ю.* بیآسفیره минтақаи паҳн шудани ҳаёт дар кураи Замин (*дар рӯи замин, дар об ва дар қисми поёнии атмосфера*): **муҳофизати биосфера**.

**БИОФИЗИКА** *ю.* بیآفیزیکه қисми биология, ки мувофиқи қонунҳои физика ва химия инкишоф ёфтани организмҳои зиндаро меомӯзад.

**БИОФИЗИКӢ** بیآفیزیکی *мансуб ба* **биофизика**.

**БИОХИМИК** *ю.* بیآخیمیک мутахассис ва олими соҳаи биохимия.

**БИОХИМИКӢ** بیآخیمیکی *мансуб ба* **биохимия**.

**БИОХИМИЯ** *ю.* بیآخیمیه химияи биологӣ – илме, ки равандҳои химиявии хоси организмҳои зиндаро меомӯзад.

**БИР** I بیر *кит.* барқ, соиқа.

**БИР** II *а.* برّ *ниг.* **бирр**.

**БИРЕШИМ** بریشم *шакли дигари* **абрешим**: **бирешими чӯртор**, **бирешими нарм**.

**БИРЕШИМӢ** بریشمی *ниг.* **абрешимӣ**.

**БИРЕШИМНАВОЗ** بریشمنواز *кит.* навозандаи созҳои тордор; созанда, навозанда, мутриб.

**БИРЁН** بریان 1. чизи дар деги хушки тафсон ё дар равғани доғ пухташуда, зирбондашуда; кабобшуда: **барраи бирён, гандуми бирён**, **гӯшти бирён**, **моҳии бирён**, **нахӯди бирён**. 2. тафсон, сӯзон; доғ: **дашти бирён**, **ҷӯли бирён**; **бирён кардан** а) сурх карда пухтан (*дар*

*равған ё бевосита дар оташ*), таф додан; кабоб кардан; б) *маҷ.* азоб додан, обу адо кардан; **бирён шудан** а) дар оташ кабоб шудан; б) сӯхта нобуд шудан; хушк шудан (*аз камобӣ ё беобӣ*); **парту бирён шудан** сӯхта нобуд шудан; ◊ **гирёну бирён** дар ҳолати гиристан ва ғамгинӣ; **бо дили бирён // бо ҷигари бирён** оғушта ба ғаму дард, ниҳоят ғамгинона, хеле андӯҳгинона.

**БИРЖА** *лот.* برژه муассисаест барои бастани шартномаҳои молиявӣ ва тиҷоратӣ; **биржаи меҳнат** муассисаест, ки байни коргарон ва соҳибони корхонаҳо дар киро кардани қувваи корӣ миёнаравӣ мекунад.

**БИРИНҶ** برنج навъе аз ғалладонаҳои хӯрокӣ, ки дар кишварҳои гарми сернам мекоранд; дони шолӣ, ки баъд аз ҷувоз кардан ҳосил мешавад, гурунҷ: **биринҷи девзира**, **биринҷи лӯнда**, **биринҷи оқпар**; **биринҷи миёнколӣ** а) биринҷи оббардоре, ки вақти ош пухтан бисёр меёзад; б) *маҷ.* дар ҳаққи касе гуфта мешавад, ки қад кашида ёзида истодааст; **мошу биринҷ** а) як навъ шавлаи мошу биринҷдор; б) *маҷ.* ранги сиёҳу сафед: **риши мошу биринҷ;** ◊ **биринҷи** *касе* **об набардоштан** зудранҷу гапнобардор будани касе; нозук будани табъи касе.

**БИРИНҶДОР** برنجدار дорои биринҷ, дар таркибаш биринҷ (*оид ба* хӯрок), биринҷ.

**БИРИНҶЗОР** برنجزار *ниг.* **шолизор**.

**БИРИНҶӢ** I برنجی *мансуб ба* **биринҷ**; аз биринҷ тайёршуда.

**БИРИНҶӢ** II برنجی 1. хӯлаи мис бо қалъагӣ, алюминий ва баъзе филизоти дигар. 2. аз хӯлаи биринҷӣ сохташуда: **асбобу анҷоми биринҷӣ**, **ҳайкали биринҷӣ**; **нишони (медали) биринҷӣ** нишони аз биринҷӣ сохташуда, ки одатан ба ишғолкунандагони ҷои сеюми мусобиқаҳо дода мешавад.

**БИРИНҶКОР** برنجکار *ниг.* **шоликор**.

**БИРИНҶКОРӢ** برنجکاری *ниг.* **шоликорӣ**.

**БИРИНҶОБА** برنجآبه таоми обдоре, ки аз биринҷ пухта мешавад.

**БИРИНҶФУРӮШ** برنجفروش фурӯшандаи биринҷ.

**БИРИНҶФУРӮШӢ** برنجفروشی фурӯхтани биринҷ; шуғли фурӯшандаи биринҷ.

**БИРИШТА** برشته *кит.* 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **бириштан**. 2. обу тобёфта; гулгун.

**БИРИШТАН** برشتن *кит.* бирён кардан, таф дода сурх кардан.

**БИРКА** *а.* برکه 1. сардоба, обанбори рӯпӯшида, ки дар даруни шаҳр ва роҳҳои корвонгард сохта мешуд ва онро бештар бо оби борон пур мекарданд. 2. ҳавз, истахр.

**БИРР** *а.* بر *кит.* накӯӣ; бахшиш, эҳсон.

**БИСЁР** بسیار 1. зиёд, беш, фаровон: **(бо) кӯшиши бисёр**, **бисёр гиристан**, **бисёр гап задан**. 2. хеле, басе, бениҳоят: **бисёр азиз**, **бисёр сахт**, **бисёр хуб**, **бисёр ширин**. 3. аксар, аксарият. 4. дер, муддати дароз: **бисёр наистодан дар ҷое**. 5. зуд-зуд; ҳамеша. 6. борҳо, якчанд дафъа: **бисёр дидаам, бисёр шудааст**, **ки**...; **бисёрҳо** борҳо, муқаррар. **бисёр шудан (-и ҳосили меҳнат)** афзудан, зиёд гаштан (-и ҳосили меҳнат); **(агар) бисёр равад**... ниҳояташ; ҳамагӣ.

**БИСЁРАСРА** بسیارعصره таърихи якчанд асрдошта, чандинасра: **адабиёти бисёрасра, маданияти бисёрасра**.

**БИСЁРДИДА** بسیاردیده пурдида; ҷаҳонгашта: **одами бисёрдида**.

**БИСЁРЗАБОНӢ** بسیارزبانی *нав.* мавҷудияти якчанд забони расмӣ дар давлат.

**БИСЁРЗАНӢ** بسیارزنی шакли никоҳе, ки як мард дар айни вақт якчанд зан дошта метавонад.

**БИСЁРӢ** بسیاری 1. бисёр будан; сершуморӣ, касрат афзунӣ; *муқоб.* **камӣ**. 2. аксар, аксарият, қисми зиёд: **бисёрии вақташро**..., **бисёрии коргарони ин истгоҳ**; **бисёриҳо** аксарият, қисми зиёд.

**БИСЁРКУНҶА** بسیارکنجه *ҳанд.* 1. шакли ҳандасие, ки даври онро хати шикаста ташкил медиҳад ва ҳар ҷузъи он зиёда аз чор кунҷ дорад. 2. дорои кунҷи зиёд, серкунҷа, бисёргӯша.

**БИСЁРҚАБАТА** بسیارقبته *ниг.* **бисёрошёна**.

**БИСЁРҚИМАТА** بسیارقیمته *риёз.* дорои якчанд қиматҳои ададӣ.

**БИСЁРҚУТБА** بسیارقطبه дорои якчанд қутб; **ҷаҳони бисёрқутба** ҷаҳоне, ки онро якбора якчанд давлатҳои абарқудрат идора мекунанд.

**БИСЁРМАҒЗ** بسیارمغز *кит., маҷ.* пурмағз, оқил, доно.

**БИСЁРМАНЗИЛА** بسیارمنزله *нав.* дорои манзилҳои зиёд: **бинои бисёрманзила**.

**БИСЁРМАР** بسیارمر *кит.* сершумор.

**БИСЁРНИКОҲӢ** بسیارنکاحی дар як вақт бо якчанд зан ақди никоҳ доштани мард, бисёрзанӣ.

**БИСЁРНУҚТА** بسیارنقطه *ниг.* **сернуқта**.

**БИСЁРОВОЗ** بسیارآواز дорои овозҳои сершумор.

**БИСЁРОВОЗА** بسیارآوازه :**мусиқии бисёровоза** мусиқие, ки дар он якчанд овозу оҳангҳои мустақил якҷоя садо медиҳанд.

**БИСЁРОШЁНА** بسیارآشیانه биное, ки якчанд ошёна (табақа) дорад.

**БИСЁРПАРДА** بسیارپرده *санъ.* иборат аз якчанд парда: **пиесаи бисёрпарда**.

**БИСЁРПОЗА** بسیارپازه испоре, ки позаҳои зиёд дорад.

**БИСЁРРӮЯ** بسیاررویه *ҳанд.* шакли ҳандасии дорои тарафҳои зиёди ҳамвор ё барҷаста.

**БИСЁРСАРДОРӢ** بسیارسرداری дорои роҳбарони сершумор.

**БИСЁРСОЛА** بسیارساله солиёни зиёд анҷомёфта ё вуҷуддошта; чандинсола: **кори бисёрсола**, **анъанаи бисёрсола**.

**БИСЁРСОҲА** بسیارساحه *ниг.* **сермаҳа**.

**БИСЁРТАР** بسیارتر *сифати дараҷаи қиёсӣ аз* **бисёр**; зиёдтар, бештар.

**БИСЁРТАРИН** بسیارترین 1. *сифати дараҷаи олӣ аз* **бисёр**; зиёдтарин, бештарин. 2. аксар, аксарият.

**БИСЁРТИРА** I بسیارتیره *ҳ.* дорои тирҳои зиёд, тири бисёрдошта: **автомати бисёртира**, **туфанги бисёртира**.

**БИСЁРТИРА** II بسیارتیره дорои якчанд меҳвар, меҳвари зиёддошта: **аробаи бисёртира**.

**БИСЁРУЗВА** بسیارعضوه дорои узвҳои сершумор.

**БИСЁРФАН** بسیارفن *кит.* донандаи тадбир ва ҳилаҳои гуногун; пурфиреб, ҳилагар.

**БИСЁРХОР//БИСЁРХОРА** بسیارخوار//بسیارخواره *ниг.* **бисёрхӯр**.

**БИСЁРХУДОӢ** بسیارخدائی сохтори диние, ки парастиши худоҳои зиёдро эътироф мекунад.

**БИСЁРХӮР** بسیارخور пурхӯр, баднафс.

**БИСЁРҲАРБА** بسیارحربه *нав., варз.* навъи қувваозмоии варзишгарон аз рӯи чанд машқҳои ҷисмонӣ (*мас., давидан, ҷаҳидан, найзапартоӣ ва г.*); мусобиқа дар чанд навъи варзиш: **мусобиқаи бисёрҳарба**.

**БИСЁРҲИЗБӢ** بسیارحزبی *нав.* мавҷудияти ҳизбҳои гуногуни расман иҷозатдор дар давлате.

**БИСЁРҲОКИМИЯТӢ** بسیارحاکمیتی *нав.* дар як вақт мавҷуд будани якчанд ҳукумат дар мамлакате.

**БИСЁРҲУҶРА** بسیارحجره *нав.* дорои ҳуҷраҳои зиёд, утоқҳои зиёддошта: **манзили бисёрҳуҷра**.

**БИСЁРЧЕНА** بسیارچینه андозагирии чандкарата.

**БИСЁРҶОНИБА** بسیارجانبه бо ҷонибҳои зиёд, чандтарафа: **гуфтушунидҳои бисёрҷониба**.

**БИСЁРШАВҲАРӢ** بسیارشوهری шакли никоҳе, ки як зан дар як вақт якчанд шавҳар дошта метавонад (полиандрия), сершавҳарӣ.

**БИСМАДОН** بسمدان *ҷонишини номуайянӣ* чиз ё кори номаълум: **фалону бисмадон**.

**БИСМИЛ** *а.* بسمل 1. сарбурида, гулӯбурида, куштташуда: **мурғи бисмил**. 2. *маҷ.* қурбоншуда; **бисмил кардан** сар буридан, сар задан, куштан.

**БИСМИЛЛОҲ** بسمﷲ 1. *д.* ба номи Худо, ба исми Худо (*калимае, ки пеш аз сар кардан ба коре ба забон меоранд*). 2. *маҷ.* ибтидо, оғоз (коре).

**БИСОТ** *а.* بساط 1. ҳар чизе, ки дар зери по паҳн карда мешавад, ҳар чизи густурданӣ (*аз*

*қабили* гилем, палос). 2. асбобу анҷом, чизу чора, сомон, бизоат; дороӣ, боигарӣ: **бисоти хона**; ◊ **дар бисотам** дар ихтиёрам, дар дастам; **бисоти адл ба(р)по намудан** адлу инсофро пойдор кардан; адолат ҷорӣ сохтан; **бисоти айш оростан** лавозими айшу ишратро муҳайё кардан; айшу ишрат кардан.

**БИСОТДОР** بساطدار соҳиби чизу чора ва хонаву ҷой; доро.

**БИССЕКТРИСА** بسیکتریسه *ҳанд.* хати росте, ки кунҷро ба ду ҳиссаи баробар ҷудо мекунад.

**БИСТ** I بیست 1. *шумораи миқдорӣ* адади 20, миқдори ду даҳ. 2. маъракае, ки баъди гузаштани 20 рӯз аз марги касе ба ёди ӯ барпо карда мешуд.

**БИСТ** II بیست *шакли кӯтоҳшудаи* **биист** *феълии фармоиш аз* (**би**) **истодан**; ◊ **исту бисту** *касе* (*чизе*) тамоми ҳастии касе (чизе), буду шуди касе (чизе).

**БИСТАР** بستر рахти хоб, ҷои хоб, ҷогаҳ; кӯрпача; ◊ **бистари ноз** ҷои роҳат ва фароғат; **бистари** *касеро* **хушк кардан** касеро ба қатл расонидан; **дар бистари ноз парвариш ёфтан** эркаву нозпарвар калон шудан.

**БИСТАРИШУДА** بستریشده беморшуда, касе, ки ба дарде гирифтор шудааст.

**БИСТАРӢ** بستری 1. *мансуб ба* **бистар**. 2. бабистарафтода, барҷомонда; азпомонда; **бистарӣ шудан** дар бистар хобидан (*ба сабаби беморие*).

**БИСТГОНӢ** بیستگانی *таър.* маоши лашкариён ва ё навкарон.

**БИСТСОЛА** بیستساله бабистдаромада, бист солро пуркарда: **ҷавони бистсола**; **хизмати бистсола** хизмати дар муддати бист сол анҷомдода.

**БИСТСОЛАГӢ** بیست سالگی бистсола будан; **аз бистсолагӣ то имрӯз** аз он вақте ки бистро пур карда буд, то имрӯз.

**БИСТУМ//БИСТУМИН** بیستم//بستمین *шумораи тартибӣ аз* **бист**; **чароғи бистум** як навъ чароғи (лампаи) равшани карасинӣ.

**БИСТӮҲ** بستوه *кит.* хаста, дармонда дар ҳолати танг омада.

**БИСТЯК** بیست یک аз бист ҳисса як ҳисса, аз бист ҷузъ як ҷузъ.

**БИСУЛФАТ** *лот.* بسلفت *хим.* намаки турши кислотаи сулфат, ҳидросулфат.

**БИТНАТ** *а.* بطنت *кит.* аз ҳад зиёд пур кардани шикам аз таом, шикампурӣ, пурхӯрӣ.

**БИТОЛАТ** بطالت *кит.* бекорӣ, муатталӣ.

**БИТОНА(Т)** *а.* بطانت//بطانه *кит.* 1. астар, остар (-и ҷома *ва г.*). 2. *маҷ.* наздикон; дӯстон.

**БИТУМ** *лот.* بتم номи моддаҳои сахт, моеъ ё газшакли органикии табиӣ (*аз қабили* нафт, гудрон); **битуми сунъӣ** он чи аз коркарди нафт, ангиштсанг ва торф ҳосил мешавад, қир.

**БИФШТЕКС** *англ.* بفشتکس *хӯр.* навъе аз хӯрок, ки аз як парча гӯшти қима ва хӯрише иборат аст.

**БИХРАД** بخرد *кит., ниг.* **хирадманд**.

**БИХРАДӢ** بخردی *кит., ниг.* **хирадмандӣ**.

**БИҲИГИН** بهیگین *ниг.* **биҳигӣ**.

**БИҲИГӢ** بهیگی *мансуб ба* **биҳӣ**; аз биҳӣ тайёршуда: **мураббои биҳигӣ**.

**БИҲИЛ** بهل 1. *феъли фармоиш аз* (**би**)**ҳиштан**. 2. *ҳиссачаи модалӣ-иродавӣ* бигузор, бимон, сар деҳ; **биҳил кардан** *гуфт.* бахшидани гуноҳ, авф кардани гуноҳ.

**БИҲИШТ** بهشت *д.* аз рӯи таълимоти ислом боғу бӯстони он дунё, ки мусулмонони неку бегуноҳ дар он ҷо зиндагиро давом медиҳанд, ҷаннат, фирдавс, хулд; *муқоб.* **дӯзах** ва **ҷаҳаннам**; **биҳишти рӯи замин** *маҷ.* беҳтарин, ободтарин ҷои рӯи замин.

**БИҲИШТИРӮЙ** بهشتروی зебо, хушрӯй.

**БИҲИШТӢ** بهشتی 1. *мансуб ба* **биҳишт**. 2. *маҷ.* бегуноҳ, пок; беозор. 3. навъи ангур.

**БИҲӢ** بهی дарахти мевадор, ки меваҳои он хушбӯй мисли себу нок аст, обӣ.

**БИЧАК** بچک *гуфт.* як навъи самбӯса: **бичаки танӯрӣ**, **бичаки дегӣ**.

**БИҶИРРАС//БИҶИРРОС** بجرّس//بجرّاس *гуфт.* 1. ҳисси рангорангӣ, алобулоӣ, алаҒдагӣ дар пеши чашм. 2. ҳисси дамидани мурғак дар бадану тахтапушт (*аз тарси дидан ё шунидани воқеаи даҳшатангез ва ё сухани ниҳоят

*сахт*). 3. ҳисси ногувори дасту по, ки дар натиҷаи зер карда нишастани по ё якпаҳлу хобидан бо даст ба амал меояд: **биҷиррас задан**, **биҷиррас кардан**.

**БИШ** بيش *кит., ниг.* **аҷалгиёҳ**.

**БИШКУФА** بشکفه *кит.* 1. шукуфа ва гули дарахт. 2. шукуфтан ва гул кардани дарахт.

**БИШКӮЛИДАН** بشکوليدن *кит.* 1. чустию чолокӣ ва ҳушёрӣ намудан. 2. меҳнатдӯстӣ нишон додан.

**БИШӮЛИДА** بشکوليده *кит. сифати феълии* **бишӯлидан**; парешоншуда, мушавваш, парешон ва ошуфта.

**БИШӮЛИДАН** بشوليدن *кит.* 1. барҳам задан, парешон кардан. 2. дармонда ва мутаҳайир нишастан.

**БИЯ** بيه растаниест, ки бештар дар лаби дарёҳо мерӯяд, ширинбия.

**БЛОК** I *фр.* بلاک *ниг.* **паймон**, **муоҳида**; **блоки ҳарбӣ** иттифоқи ҳарбии байни давлатҳову гурӯҳҳо.

**БЛОК** II *англ.* بلاک 1. *сохт.* як навъ хишти калонҳаҷми аз сементу гаҷ ва дигар мавод сохташуда. 2. ҷузве аз иморат; шӯъбае аз иншоот. 3. *тех.* баданаи муҳаррики мошинҳо, ки чанд силиндрро ба ҳам мепайвандад.

**БЛЮМИНГ** *англ.* بليومنگ *тех.* дастгоҳи азими тайёр кардани фӯлоди тунук (*бо* роҳи *фишор*).

**БО** I با *пешванд* 1. ҳамроҳ будан, якҷоя шудан ва иштирок карданро дар иҷрои ягон амал (*бо шахсе ё чизе*) ифода мекунад; ҳамроҳи..., дар якҷоягии..., ба иштироки...: **бо ҳам**, **бо ҳамдигар**, **бо ҳамроҳии**, **бо** *касе* **гап (на) задан**, **бо** *касе* **вохӯрдӣ кардан**, **бо касе зиндагӣ кардан**, **бо** *касе* **маслиҳат кардан, бо касе нишастан, бо** *касе* **сару кор (кору бор) доштан, бо** *касе* **ҳамдаст будан**, **бо** *чизе* **хӯрдан** (*чизеро*), **бо хаёлоти худ банд будан, бо худ гирифтан (будан)** *чизе* **ё** *касеро*, **бо худ овардан** *чизеро*; **меҳмон бо ризқаш меояд** (*зарб.*); **бо худи**... шахсан бо ...; мустақиман бо ... 2. *воситаи иҷрои амалро ифода мекунад*; ба воситаи..., тавассути...., чизеро ба кор бурда; бо мадади..., ба ёрмандии...: **бо бинӣ нафас кашидан**, **бо дасти чап хӯрдан (хестан)**, **бо китф тела додан, бо нӯги остин пок кардан, бо обпошак об пошидан, бо пахта об чакондан, бо санг зада шикастан, гуноҳи худро бо хизмат ва садоқат харида гирифтан**. 3. *тарзи амал ва ҳолати ашёро ифода мекунад*: **бо диққати тамом, бо рӯи кушод, бо рӯи хандон, бо сари хам, бо тарсу ваҳм, бо чашмони гиряолуд, бо чеҳраи зард, бо иштиҳо(-и том) хӯрдан, бо мамнуният қабул кардан, бо нигоҳи пурхашм ҷавоб додан, бо овози баланд суруд хондан**. 4. *замони амалеро, ки дар як вақт ё паси ҳам бо амали дигар иҷро мешавад, нишон медиҳад;* баробари...: **бо дидани ин ҳол**, **бо шунидани ин гап**. 5. *сабаби амалеро нишон медиҳад*: **бо ҳар баҳона дашном додан; бо баҳонае корро ақиб партофтан, бо тӯҳмат айбдор шудан;** 6. аз рӯи...; мувофиқи...; ҳасби...: **бо иҷозати**..., **бо рухсати**..., **бо илтимоси** *касе* **(кореро кардан)**, **бо ишораи** *касе* **(берун баромадан)**; **бо навбат (суруд хондан, даст фишурдан)**, **бо супориши** *касе* **(кореро иҷро кардан)**, **бо талаби ҳаёт (кореро кардан)**. 7. нисбат ба..., дар ҳаққи... ; **бо** *касе* **бад будан** нисбат ба касе хусумат доштан. 8. *сӯи чизеро, ки ба он амал равона шудааст, нишон медиҳад,* ба. *9. аз чизе ташкил ёфтан ва ё бо чизе мусаллаҳ будани предметро нишон медиҳад;* аз: **бо** *чизе* **пур шудан**, **бо** *чизе* **мусаллаҳ будан**; **бо вуҷуди**... қатъи назар аз...; сарфи назар аз...; **бо вуҷуди ин (он)** сарфи назар аз ин (он); **бо гардани баста** бе майлу хоҳиш; аз рӯи маҷбурӣ; **бо дили пур** бо боварии том, мутмаинона, дилпурона; **бо дилу ҷон** аз рӯи сидқ, самимона; **бо (ду) дасти адаб** ниҳоят боодобона, бо иззату эҳтироми зиёд; **бо ин ҳама** бо вуҷуди ин, сарфи назар аз ин; **бо камоли**... дар ниҳояти...., ниҳоят; **бо назари суол** саволомез; **бо номи**... ба исми..., таҳти номи; **бо пои худ** а) ба ихтиёри худ; ба даъвату хабари касе мунтазир нашуда; б) муфт, ройгон, бе меҳнат; **бо ҳамин** ҳамин тавр; дар ҳамин ҷо; **бо ҷон баробар** ниҳоят азиз; **бо роҳи** *касе* **рафтан** аз пайи касе рафтан, ба касе пайравӣ кардан.

**БО** II با *номи ҳарфи дуюми алифбои арабиасоси тоҷикӣ* (ب).

**БО** III با *кит.* оши обакӣ, оши моеъ.

**БОАДАБ** باادب *ниг.* **боодоб**.

**БОАДАБӢ** بادبی *ниг.* **боодобӣ**.

**БОАДАБОНА** باادبانه *ниг.* **боодобона**.

**БОАДОЛАТ** باعدالت боинсоф, одил.

**БОАДОЛАТӢ** باعدالتی боинсофӣ, одилӣ.

**БОАДОЛАТОНА** باعدالتانه боинсофона, одилона, аз рӯи инсофу адл.

**БОАЗАМАТ** باعظمت пуразамат; азим, бошукӯҳ: **бинои боазамат**.

**БОАЗМ** باعزم боният, бомақсад.

**БОАҚЛ** باعقل оқил, бофаҳм, бофаросат, пурдон: **ҷавони боақл**.

**БОАҚЛАК** باعقلک *шакли навозиши* **боақл**.

**БОАҚЛӢ** باعقلی оқилӣ, доноӣ, фаросатнокӣ, бофаҳмӣ; рафтори оқилона.

**БОАҚЛОНА** باعقلانه оқилона, маъқул, аз рӯи ақлу фаросат: **кори боақлона кардан**, **маслиҳати боақлона додан**.

**БОАНДЕША** بااندیشه он ки пеш аз сар кардани коре фикр мекунад, мулоҳизакор, баандеша, бамулоҳиза.

**БОАНДЕШАГӢ** بااندیشگی мулоҳизакорӣ, бомулоҳизагӣ, боандеша будан.

**БОАНДОМ** بااندام мавзун, бо қомати зебо.

**БОАСОС** بااساس бодалел, асосдошта, асоснок.

**БОБ** I باب шоиста, лоиқ, сазовор, муносиб, мувофиқ, дархӯр; соз, хуб: **шароити боб**, **ҷавоби боб**; **боби дандон** нарм, мулоим, дандон мегузаштагӣ (*дар бораи хӯрок*); **боб кардан** а) ба тарзи шоиста ва хубу марғуб иҷро кардани кор, айни муддао кардан, соз кардан; б) *маҷ.* адаби касеро додан; расвои касеро баровардан; в) *маҷ.* фиреб додан, фирефтан; **боб шудан** ҷазои худро дидан, адаби худро дидан; **боби** *касе* **будани** *чизе* ба касе хеле мувофиқ ва зебанда будани чизе; **боб карда задан** сахт задан.

**БОБ** II باب *кит.* падар; бобо.

**БОБ** III *а.* باب 1. *кит.* дар, дарвоза. 2. калонтарин қисми асари илмӣ ва адабӣ, ки дар навбати худ ба бахшу фаслҳо тақсим мешавад. 3. бобат, бора, хусус, ҷиҳат, ваҷҳ: **аз ин боб**, **аз ҳар боб, дар боби**…, **дар ин боб**.

**БОБАК** بابک *шакли тасғир ва навозиши* **боб**.

**БОБАҚО** بابقا *ниг.* **бадошт**; *муқоб.* **бебақо** 2.

**БОБАРАКА(Т)** بابرکه//بابرکت 1. он ки аз ӯ хайру барака мерасад, пурфайз: **одами бобарака(т)**. 2. зиёд, фаровон, бисёр; пурманфиат, пурсамар, сермаҳсул, серҳосил.

**БОБАРАКАТӢ** بابرکتی 1. бобаракат будан, файзу баракат доштан. 2. пурсамарӣ, сермаҳсулӣ.

**БОБАРДОШТ** بابرداشت босабр, пуртоқат, бурдбор.

**БОБАРОР** بابرار барорнок, бомуваффақият; пешрав.

**БОБАРОРӢ** بابراری бобарор будан, барорнокӣ, муваффақият.

**БОБАТ** بابت хусус, бора; ҷиҳат, ваҷҳ; **аз бобати**… дар бораи…, дар хусуси…; **аз ҳар бобат** аз ҳар ҷиҳат, аз ҳар ваҷҳ, аз ҳар хусус; **дар бобати**… дар хусуси…, дар бораи…, аз ҷиҳати…; **дар ин бобат** аз ин хусус; аз ин ҷиҳат, вобаста ба ин.

**БОБЗАН** بابزن *кҳн.* сих, сихи кабоб, махсусан сихи мурғкабоб.

**БОБИЗОАТ** بابضاعت молу чиздошта, молдор; осудаҳол.

**БОБИЛ** بابیل *шакли кӯтоҳшудаи* **абобил**.

**БОБИЯ** بابیه *д.* таълимоти динию сиёсие (асосгузораш Сайид Алӣ Муҳаммади Шерозӣ мулаққаб ба Боб), ки ҳамчун афкори ислоҳотталабии ислом ва ҷунбишҳои демократии Эрон (1848-1852) ба муқобили ҳукмронии шоҳ, инчунин дахолати кишварҳои хориҷӣ шинохта шудааст.

**БОБӢ** بابی *д.* пайрави ҷараёни исломии бобия.

**БОБО** بابا 1. падари падар ё падари модар, ниё, ҷад: **бобои падарӣ**, **бобои модарӣ**. 2. *маҷ.* насли гузашта, аҷдод (*ба ин маънӣ асосан дар шакли ҷамъ –* **бобоён** ва **бобоҳо** меояд); гузаштагон; **падару бобо (-и мо)** гузаштагон (-и мо), аҷдод (-и мо). 3. *таър.* сардори ҷамъиятҳои косибону ҳунармандони замони пеш: **бобои кафшдӯзон**, **бобои машкобон, бобои саисҳо**; **бобои барфӣ** қаҳрамони афсонавии ҷашнҳои солинавӣ – рамзи сармо дар халқҳои Аврупо,

ки мӯйсафеди рӯсурхи ришу мӯйлабдор буда, дар тан пӯстину дар сар телпак дорад ва дар расми истиқболи соли нав дар атрофи арчаи солинавӣ ба бачаҳо тӯҳфаҳо тақдим мекунад; **шери бобо // чони бобо** дар мавриди изҳори навозиш аз тарафи мӯйсафедон ба бачагон гуфта мешавад.

**БОБОЁНА** بابایانه *таър.* ҳаққе, ки бобо – роҳбари пешаварон барои миёнаравӣ дар байни соҳибкорон ва ҳунармандон аз ҳар ду тараф мегирифт.

**БОБОЙ** بابائی 1. *мансуб ба* **бобо**; ба бобо тааллуқдошта; аз бобо монда: **омочи бобоӣ**. 2. қадима, кӯҳна; аз қадим монда. 3. навъи зардолуи калон-калон.

**БОБОКАЛОН** باباکلان падари бобо; нахустпадари авлод.

**БОБОПИРАК** باباپیرک *бот.* як навъ алаф ва растании печон аз оилаи чинораҳо, девток.

**БОБОХОНА** باباخانه *таър.* ҷои истиқомати бобо - роҳбари пешаварон ва пойкори ӯ, ки косибони бекормонда дар он ҷо истиқомат мекарданд.

**БОБОҶОН** باباجان калимаи мурочиати эҳтиромона ба бобо; азиз.

**БОБУНА** بابونه *бот.* гиёҳи хушбӯе, ки баргҳои канори гулаш сафед ва мобайни он зардранг аст.

**БОВАР** باور рост ва мувофиқи ҳақиқат пиндошта пазируфтан (-и қавли касе), яқин ҳосил намудан, эътимод кардан (бо сухани касе); **бовар кардан (намудан)** а) рост пиндоштан (*махсусан суханони касеро*), яқин ҳосил намудан; б) ба сидқу дурусткории касе эътимод доштан, эътиқод зоҳир кардан ба касе; аз касе дилпур будан.

**БОВАРИБАХШ** باوری‌بخش қобили эътимод.

**БОВАРИНОК** باورناک эътимоднок, қобили итминон: **шахси боваринок**.

**БОВАРӢ** باوری бовар доштан, бовар кардан; эътимод; эътиқод; **боварии комил (тамом, том)** бо итминони пурра; дилпурона; бо ҷуръат, бо қатъият (*мас., гап задан*); **боварӣ доштан**, дилпур будан, итминон доштан; **боварии** *касе* **наомадан** ба коре бовар накардан, эътимод надоштан; **боварӣ кардан ба** *касе* итминон доштан ба касе (*дар коре*).

**БОВАРКУНАНДА** باورکننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **бовар кардан**; бовар мекардагӣ, қобили эътимод, боваринок.

**БОВАРХАТ** باورخط *гуфт.* ваколатнома.

**БОВАФО** باوفا вафодор; содиқ: **дӯсти бовафо**, **ёри бовафо**.

**БОВАФОӢ** باوفائی бовафо будан, вафодорӣ.

**БОВИҚОР** باوقار 1. ботамкин, вазнин (*дар муомила, гуфтор ва рафтор*): **марди бовиқор**. 2. *ниг.* **бовиқорона**.

**БОВИҚОРӢ** باوقاری бовиқор будан, ботамкинӣ; вазнинӣ.

**БОВИҚОРОНА** باوقارانه ботамкинона, вазнинона: **бовиқорона ба гап даромадан**, **бовиқорона роҳ рафтан**.

**БОВИҶДОН** باوجدان он ки аз рӯи виҷдон амал мекунад; боинсоф; поквиҷдон, ҳалолкор.

**БОВИҶДОНӢ** باوجدانی бовиҷдон будан; боинсофӣ, поквиҷдонӣ, ҳалолкорӣ.

**БОВИҶДОНОНА** باوجدانانه боинсофона, ҳалолкорона, поквиҷдонона.

**БОҒ** باغ 1. қитъаи замини иҳоташудае, ки дар он дарахтони мевадору бемева ва гулҳои гуногун шинонда, сабзу хуррам карда шудааст, ҳадиқа, равза, бӯстон. 2. ҷои васеи сабзу хуррами сердолу дарахт ва гулу сабзаҳои зиёд, ки хиёбонҳои курсию харакдор ва тамошогоҳҳо дорад ва маҳалли истироҳати маданни аҳолист, чорбоғ: **боғи (марказии) фарҳангу фароғат**, **боғи истироҳат**, **боғи шаҳрӣ**; **боғи ботаникӣ** *ниг.* **ботаникӣ**; **боғи ҳайвонот** муассисае, ки дар он ҳайвоноти гуногуни ҷаҳон барои тамошои мардум гузошта шудааст; **боғу роғ** боғ ва марғзор; **боғу бӯстон шудан** обод ва сабзу хуррам шудан; **боғи ирам** а) боғи афсонавӣ, ки гӯё Шаддод ном подшоҳи асотирӣ онро ҳамчун биҳишт сохта буд; б) *маҷ.* ҷои сабзу хуррам; ◊ **яке аз боғу дигаре аз роғ** берабт, беробита, бемаврид.

**БОҒАЙРАТ** باغیرت 1. ғайратманд, ғаюр, саъйкунанда, кӯшо; серҳаракат, чусту чолок: **ҷавони боғайрат**. 2. боору номус, боҳамият. 3. *ниг.* **боғайратона**.

**БОҒАЙРАТӢ** باغیرتی ғайратнокӣ, саъю кӯшиш

доштан; серҳаракатӣ.

**БОҒАЙРАТОНА** باغیرتانه ғайратмандона, ғаюрона, бо саъю кӯшиш; фаъолона; чолокона.

**БОҒАРАЗ** باغرض *ниг.* **ғаразнок**.

**БОҒАРАЗОНА** باغرضانه аз рӯи ғараз, бо нияти бад (*барои манфиати худ*), муғризона.

**БОҒБАНД** باغبند бунёди қитъаҳои боғ, қисматҳои боғ.

**БОҒБОН** باغبان он ки мутасаддии муҳофизати боғ ва нигоҳубину парвариши дарахтони мевадору гулҳои он аст, нигаҳбони боғ.

**БОҒБОНӢ** باغبانی 1. амалу ҳунари боғбон: **боғбонӣ кардан**. 2. *ниг.* **боғдорӣ**.

**БОҒДОР** باغدار 1. соҳиби боғ. 2. мутахассиси боғдорӣ.

**БОҒДОРӢ** باغداری нигоҳубин ва парвариши боғ ҳамчун як соҳаи растанипарварӣ, мевапарварӣ: **гурӯҳи боғдорӣ**, **муассисаи боғдорӣ**; **боғдорӣ кардан** бо нигоҳубин ва парвариши боғҳо машғул шудан.

**БОҒИСТОН** باغستان ҷое, ки боғҳои зиёд дорад, ҷои сербоғ.

**БОҒӢ** باغی 1. *мансуб ба* **боғ**. 2. набототе, ки кошта рӯёнида мешавад; *муқоб.* **худрӯ** ва **ёбоӣ**: **пудинаи боғӣ**, **чормағзи боғӣ**.

**БОҒКОР** باغکار боғбон, нигоҳубин ва парваришкунандаи боғ.

**БОҒКӮЧӢ** باغکوچی кӯчидан ба боғ (*аз шаҳр дар мавсими тобистон*).

**БОҒНИШИН** باغنشین сокини боғ, истиқоматкунанда дар боғ.

**БОҒОТ** باغات 1. *ҷ.* **боғ**. 2. *маҷ.* маҳалу деҳоте, ки боғҳои зиёд дорад, боғистон.

**БОҒПАРВАР** باغپرور мутахассиси боғдорӣ, нигоҳубин ва парваришкунандаи боғҳои гулу мевадиҳанда.

**БОҒПАРВАРӢ** باغپروری *ниг.* **боғдорӣ**.

**БОҒПЕРО(Й)** باغپیرا(ی) *кит.* ороста ва перостакунандаи боғ, боғбон.

**БОҒСОЗ** باغساز *нав.* созандаи боғи фароғатӣ бо иншооти марбутаи он.

**БОҒСОЗӢ** باغسازی *нав.* бунёд кардани боғҳои фарҳангӣ дар шаҳру деҳот.

**БОҒУЛҒУЛА** باغلغله *ниг.* **ғулғуладор**.

**БОҒУНДА** باغنده *кит.* кулӯлаи пахтаи ҳаллоҷикарда барои риштан, поғунда.

**БОҒУРУР** باغرور мағрур, худписанд, ботакаббур.

**БОҒЧА** باغچه 1. *шакли тасғири* **боғ**; боғи хурди наздиҳавлигӣ: **боғчаи навсабз, боғчаи ҳавлӣ**. 2. муассисаи тарбиявию таълимии кӯдакони синни томактабӣ (*яъне аз 3 то 7 сола*): **боғчаи бачагон**, **боғчаю кӯдакистон**.

**БОҒЧАДОР** باغچه‌دار ҳавлии боғчадор, ҳавлие, ки одатан дар ҳаётааш боғи хурде дорад.

**БОҒШАҲР** باغشهر шаҳре, ки боғҳои зиёд, кӯча ва хиёбонҳои сабзу хуррам дорад.

**БОД I** باد 1. ҷараёни уфуқии ҳаво, вазиши ҳаво, шамол; яке аз чаҳор унсури ташкилдиҳандаи ҷаҳони ҳастӣ (*об, оташ, хок, бод*); **боди афғонӣ** шамоли сахту гарми ҷанубӣ, ки аз тарафи Афғонистон бо чанги регомез мевазад, тафбод; **боди мувофиқ // боди мурод** шамоли матлуб, ки ба ҳаракати киштиҳои бодбонӣ мусоидат мекунад; **боди мухолиф // боди муқобил** шамоли номатлубе, ки аз рӯ ба рӯй вазида, ба ҳаракати киштӣ монеъ мешавад; **боди сабо** насими форам; **боди шурта** шамоле, ки мувофиқи рафти киштӣ мевазад. 2. ҳаво, пуф, дам, нафх; **бод додан** а) ба муқобили бод гузоштани чизе; шамол додани чизе (*барои хушконидан, хунук кардан ва г.*); б) *маҷ.* беҳуда сарф кардан (*пулро*), несту нобуд кардан; **бод кардан** а) шамол додан бо бодбезан ё чизи дигар (*барои хунук ё хушк кардани чизе*); б) пош додани ғалладонаи кӯфташуда барои тоза кардани он аз коҳ ва гарду чанг; 3. боде, ки аз шикам мебарояд, боди шикам, тиз. 4. нафхе, ки ба эътиқоди қадимиён дар натиҷаи хӯрдани баъзе ғизоҳо дар бадан пайдо мешудааст; варам, омос. 5. *тиб.* дарде, ки дар натиҷаи тамоман шифо наёфта боқӣ мондани осори ягон беморӣ пайдо мешавад; асари дар бадан мондаи ягон касалӣ: **боди нағзак**; **бод кашидан** а) аз як зарф ба зарфи дигар ё дар худи ҳамон зарф бардошта рехтани моеъ, гардон-гардон кардан (*мас., чойро баъд аз дам кардан, шири дар дег ҷӯшидаистодаро барои надамидан бо кафлезе ё чумча кам-кам гирифта дубора ба

*дег рехтан*); б) баромадагӣ ё варами узве аз бадан бар асари беморӣ (шамол хӯрдан) ва ё зарба; **боди фатқ** бемории дабба, чурра; ◊ **бар бод додан** а) беҳуда сарф кардан, зоеъ намудан; б) аз байн бурдан, несту нобуд кардан; **бар бод рафтан** зоеъ шудан; нест шудан; **ба боди дашном гирифтан** *маҷ.* сахт дашном додан; **ба боди фано рафтан** нобуд шудан, нест гардидан; **коҳи кӯҳнаро бод кардан (додан)** ягон кор ё воқеаи нохуши гузаштаро ба ёд овардан; ягон сухани гузаштаро ба хотир овардан; **нафасатро бод барад**! сухани бадат бо худат нест шавад (*таъбири дашном*, *ки дар мавриди гапи шуме задани касе гуфта мешавад*).

**БОД** II باد *шакли кӯтоҳшудаи* **бошад** (*дар хитоб*): **зинда бод**!, **нест бод**!, **ҷонам фидои ту (шумо) бод**!; **муборак бод**! табрик мекунам, табрик мегӯям; **ҳалолат бод** офарин!, аҳсан!; **ҳар чӣ бодо бод**! ҳар чӣ шуданӣ бошад, шудан гирад! (*дар мавриди таваккалан ба коре даст задан гуфта мешавад*).

**БОДА** باده май, шароб; **бодаи гулгун** майи сурх, шароби лаългун; **бодаи ноб** шароби соф, майи бедурд (беғаш, рақиқ); **бода кашидан** шаробнӯшӣ кардан, май нӯшидан.

**БОДАБДАБА** بادبدبه дабдабанок, пурдабдаба, баландовоза, бо шукӯҳу карруфар: **зиёфати бодабдаба**, **тӯйи бодабдаба**.

**БОДАВЛАТ** بادولت *ниг.* **бадавлат**.

**БОДАГУСОР** باده‌گسار боданӯш, майнӯш, шаробхӯр.

**БОДАГУСОРӢ** باده‌گساری боданӯшӣ, майнӯшӣ, шаробнӯшӣ.

**БОДАДЕҲ** باده‌ده *ниг.* **бодакаш**.

**БОДАКАШ** باده‌کش 1. соқӣ. 2. майнӯш, шаробхӯр.

**БОДАКАШӢ** باده‌کشی 1. бодакаш будан, соқигӣ кардан. 2. майнӯшӣ, шаробхӯрӣ.

**БОДАНГЕЗ** بادانگیز ангезандаи бод, бодовар.

**БОДАНӮШ** باده‌نوش майнӯш, майхӯр, шаробхӯр.

**БОДАНӮШӢ** باده‌نوشی бода нӯшидан, майнӯшӣ, шаробхӯрӣ.

**БОДАПАЙМО** باده‌پیما *ниг.* **боданӯш**.

**БОДАПАЙМОӢ** باده‌پیمایی *ниг.* **боданӯшӣ**.

**БОДАПАРАСТ** باده‌پرست майпараст, майзада, дӯстдори шаробнӯшӣ.

**БОДАПАРАСТӢ** باده‌پرستی майпарастӣ, муштоқи шаробнӯшӣ будан.

**БОДАРАНГ** باده‌رنگ ба ранги шароби сурх, сурхранг.

**БОДАСТУПО** بادستوپا *ниг.* **бадаст (бадаступо)**.

**БОДАФРОҲ** بادافراه *кит.* муҷозот, ҷазо, подош.

**БОДАФУРӮШ** باده‌فروش фурӯшандаи бода, майфурӯш.

**БОДАФУРӮШӢ** باده‌فروشی амали майфурӯшӣ, май фурӯхтан.

**БОДАХОНА** باده‌خانه майхона, хонаи шаробфурӯшӣ, майкада.

**БОДАХОР** باده‌خوار *кит., ниг.* **боданӯш**.

**БОДАХОРӢ** باده‌خواری *кит., ниг.* **боданӯшӣ**.

**БОДАХОҲ** باده‌خواه бодаҷӯ, майталаб, шаробдӯст.

**БОДАҲО** بادها соҳибақлу ҳуш, бозаковат.

**БОДБАДАСТ** بادبدست *маҷ.* бенасиб, бебаҳра, бечиз, тиҳидаст.

**БОДБАНД** بادبند *кит.* қисми тақвияткунандаи деворҳои бино ба муқобили бод, заминҷунбӣ *ва г.*, ки аз чӯб ё оҳан сохта мешаванд.

**БОДБАНДӢ** بادبندی бодбанд кардан, тақвияти сохтмонҳо бо чӯбу оҳану бетон.

**БОДБАРАК** بادبرک чизест, ки бачагон аз коғазу найи тунуктарошида ё чӯбҳои тунук ва ширеш сохта, ресмон баста, дар вақти вазидани бод ба ҳаво сар медиҳанд.

**БОДБАРАКБОЗ** بادبرک‌باز бачагоне, ки бо бодбарак бозӣ мекунанд; бодбодакбозӣ.

**БОДБАРАКБОЗӢ** بادبرک‌بازی бозии бачагон бо бодбарак: **бодбаракбозӣ кардан**.

**БОДБАРАКПАРРОНӢ** بادبرک‌پرانی сар додани бодбарак; бодбаракбозӣ: **бодбаракпарронӣ кардан**.

**БОДБЕЗАК** بادبیزک он чи вақти гармои ҳаво худро бо он шамол медиҳанд, мирваҳа.

**БОДБЕЗАКМОНАНД** بادبیزک‌مانند шабеҳи бодбезак, мисли бодбезак.

**БОДБЕЗАКШАКЛ** بادبیزک‌شکل монанди бодбезак, шаклан чун бодбезак.

**БОДБЕЗАН** بادبیزن *ниг.* **бодбезак**.

**БОДБОН** بادبان пардаи махсусест, ки дар киштиҳои бодӣ онро ба муқобили бод кашида, бо қуввати шамол киштиро ба ҳаракат меоваранд.

**БОДБОНДОР** بادباندار муҷаҳҳаз бо бодбон: **киштии бодбондор**.

**БОДБОНӢ** بادبانی *мансуб ба* **бодбон**; **киштии бодбонӣ** киштие, ки ба воситаи бодбон ҳаракат мекунад.

**БОДБУР** بادبر :**доруи бодбур** доруе, ки боди шикаму меъдаро рафъ мекунад.

**БОДВОР** بادوار монанди бод, бод барин; тез, зуд, шитобон.

**БОДГАР** بادگر он ки ғаллаи дар хирман кӯфтаро ба ҳаво пош дода, аз гарду коҳ тоза мекунад.

**БОДГАРДОН** بادگردان *ниг.* **шамолгардон**; **дарахтзори бодгардон**, дарахтзоре, ки махсус барои гирифтани пеши роҳи шамолҳои харобиовар бунёд мекунанд.

**БОДГАРӢ** بادگری амали бодгар; ба ҳаво пош додани гандум ва дигар ғалладона барои тоза кардан аз коҳу гард.

**БОДГИР** بادگیر 1. сӯрохе дар девор ё сақфи хонаҳо барои тоза кардани ҳавои хона; бодкашак. 2. ҳар чизе, ки пеши бодро бигирад.

**БОДГИРИФТА** بادگرفته *сифати феълии замони гузашта аз* **бод гирифтан**; варамкарда, омосида.

**БОДҒАР//БОДҒАРД** بادغر//بادغرد *кҳн.* шамолҷо, шамолгоҳ; ҷое, ки бод аз ҳар тараф ба он ҷо медарояд (*монанди хонаи тобистонӣ*).

**БОДДАРО** باددرا *ниг.* **бодгир** 1.

**БОДДАСТ** باددست он ки дар даст пул нигоҳ дошта наметавонад, исрофкор, бесарфа.

**БОДДАСТӢ** باددستی исрофкорӣ, беҳудахарҷӣ.

**БОДДИҲАК** باددهک *кишов.* мошин барои шамол додани ғаллаи кӯфта ва ҷудо кардани дон.

**БОДДИҲАНДА** باددهنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **бод додан**. 2. бодгар.

**БОДДОР** باددار 1. ҳаводор, пур аз ҳаво. 2. бодгирифта; варамкарда, варамдор.

**БОДИГАР** بادی‌گر *ниг.* **бодгар**.

**БОДИГАРӢ** بادی‌گری 1. *ниг.* **бодгарӣ**. 2. *гуфт.*, *ниг.* **бодигӣ**.

**БОДИГӢ** بادیگی *гуфт.* кибр, ғурур, нахват; ҳавобаландӣ, калонигарӣ.

**БОДИЁН** بادیان *бот.* растании ҳамешасабз, ки тухми хушбӯ дорад ва дар тиб ва хӯрокворӣ истифода мебаранд.

**БОДИЁНА** بادیانه *ниг.* **бодиён**.

**БОДИЁНАТ** بادیانت диндор, тақводор.

**БОДИЁНӢ** بادیانی *мансуб ба* **бодиён**; **ҳалвои бодиёнӣ** як навъ ҳалво, ки барои хушбӯӣ ба он донаҳои бодиён ҳамроҳ карда мешавад.

**БОДИҚҚАТ** بادقّت 1. диққаткорона; тамоми диққатро ба як нуқта равона карда; ҳама тан чун гӯш шуда: **бодиққат мутолиа кардан**, **бодиққат аз назар гузарон(и)дан, бодиққат шунидан**. 2. дақиққор, нозук; борикбин, нуктасанҷ.

**БОДИҚҚАТӢ** بادقّتی бодиққат будан дар иҷрои корҳо, бодиққатона амал кардан, дақиққорӣ.

**БОДИЛ** بادل пурдил, далер, шуҷоъ, бодилу ҷигар.

**БОДИНОН** بادعنان *маҷ.* аспи тезрав, бодпо.

**БОДИНҶОН** بادنجان як навъ сабзавоти хӯрокист, ки самари он ба шакли бодиринг, вале бунафш ё сиёҳранг аст ва онро бирён карда ё дар намакоб хобонда мехӯранд; **бодинҷон арзон**, **харҷако (харҷҳо) дорад** (*зарб.*).

**БОДИРИНГ** بادرنگ растании полизӣ бо ҳосили сабзранг ва борики дароз, хиёр; **бодиринги намакӣ // бодиринги шӯр** бодиринги дар намакоб хобондашуда.

**БОДИЯ** I بادیه дашти беобу алаф, биёбон, саҳро, ҳомун.

**БОДИЯ** II *а.* بادیه *кит., кҳн.* зарфи калони мисин; косаи калон.

**БОДИЯГАРД** بادیه‌گرد 1. биёбонгард. 2. кӯчманчӣ.

**БОДИЯГАРДӢ** بادیه‌گردی 1. биёбонгардӣ. 2. кӯчманчигӣ, кӯчигӣ.

**БОДИЯНИШИН** بادیه‌نشین 1. сокини бодия, биёбоннишин. 2. кӯчманчӣ, кӯчӣ, ғайримуқим: **қабилаҳои бодиянишин**.

**БОДИЯНИШИНӢ** بادیه‌نشینی 1. бодиянишин будан. 2. тарзи ҳаёти кӯчманчиён, кӯчманчигӣ.

**БОДИЯПАЙМО** بادیه‌پیما *ниг.* **бодиягард**.

**БОДӢ** بادی 1. бо қувваи бод коркунанда, бо қувваи бод ҳаракаткунанда: **киштии бодӣ**, **осиёи бодӣ**, **таппонча ё туфанги бодӣ**. 2. *мансуб ба* **бод**; **бодӣ шудани гандум** майда гашта, қобили чош шудани гандум дар хирман. 3. *маҷ.* лофзан, мутаккабир, ҳавобаланд, калонгир.

**БОДКАРДА** بادکرده 1. пуршуда аз ҳаво, ҳавогирифта. 2. варамкарда.

**БОДКАШ** بادکش 1. *ниг.* **бодгир**; **бодкаши чилим** сӯрохи ҳаводарои чилим (*ба андозае, ки бо нӯги ангушт пӯшонидан мумкин аст*). 2. *тиб.* зарфи шишагии махсусест, ки барои пӯсти баданро кашида, суръатнок кардани ҳаракати хун ба тахтапушти бадани бемори шамолхӯрда мегузоранд.

**БОДКАШАК** بادکشک даричаи ҳаводарои тиреза, бодгир.

**БОДМОНАНД** بادمانند ба монанди бод, шабеҳи бод.

**БОДМӮРӢ** بادموری роҳи ҳавокашӣ дар девор.

**БОДНАМО** بادنما олате, ки самти вазиши бодро нишон медиҳад.

**БОДНОК** بادناک боддор, дорои боду шамол.

**БОДО** بادا *ниг.* **бод** II: **ҳар чӣ бодо бод**!

**БОДОБОД** بادا‌باد барои муборакбодӣ ва таҳсину офарин гуфта мешавад.

**БОДОВАРД** بادآورد 1. чизе, ки бод овардааст, он чи шамол ҳамроҳ овардааст. 2. *маҷ.* ҳар чизе, ки муфт ва бе меҳнат ба даст омадааст, ройгон: **бозёфти бодовард**, **фоидаи бодовард**. 3. номи яке аз ганҷҳои Хусрави Парвиз.

**БОДОВАРДА** بادآورده бе ранҷу азоб ба дастомада, муфту ройгон омада.

**БОДОВАР** بادآور хусусияти нӯшиданӣ ё хӯрданӣ, ки истеъмоли онҳо барои баъзе касон номувофиқ, яъне зарарнок буда, дами шикам меоварад.

**БОДОМ** بادام дарахте, ки аввали баҳор пеш аз дигар дарахтон гул мекунад ва мағзи донаки он бомаза ё талх аст, лавз: **бодоми заминӣ, бодоми коғотӣ, бодоми кӯҳӣ, бодоми талх, бодоми шириндона, мағзи бодом**.

**БОДОМАК** بادامک *шакли тасғири* **бодом**; **бодомаки гулӯ** бофтаҳои лимфатикӣ, ки дар ҳалқ ба шакли донаи бодом ҷамъ шудааст, лавзатайн.

**БОДОМГУЛ** بادام‌گل *ниг.* **бодомчагул**.

**БОДОМЗОР** بادامزار ҷое, ки дарахтони зиёди бодом дорад, дарахтзори бодом.

**БОДОМӢ** بادامی 1. аз мағзи бодом тайёршуда; **ҳалвои бодомӣ**. 2. бодомшакл, монанд ба шакли донаки бодом: **чашм(он)и бодомӣ**.

**БОДОМИСТОН** بادامستان *ниг.* **бодомзор**.

**БОДОМЧА** بادامچه 1. *шакли тасғири* **бодом**. 2. як намуди бодоми худрӯй.

**БОДОМЧАГУЛ** بادامچه‌گل нақши бодомшакл (*дар тоқӣ ва ғ.*).

**БОДОМЧАШМ** بادامچشم дорои чашмони шабеҳи донаки бодом дарози кунҷҳояш борик: **духтари бодомчашм**.

**БОДОМШАКЛ** بادامشکل монанд ба донаки бодом: **чашми бодомшакл**.

**БОДОМШИКАН(АК)** بادامشکن//بادامشکنک анбӯр барои шикаста мағзашро гирифтани донаки бодомро гирифтан.

**БОДОСО** بادآسا *маҷ.* тез, зуд; бошитоб: **бодосо рафтан**.

**БОДПАЙМО(Й)** بادپیما(ی) 1. *ниг.* **бодрафтор**: **аспи бодпаймо**. 2. асп ё шутури тезрафтор. 3. *маҷ.* ҳарзагӯй ва беҳудакор; одами бодӣ, лофзан.

**БОДПАЙМОӢ** بادپیمائی 1. тезрафторӣ, бодрафторӣ. 2. *маҷ.* ҳарзагӯӣ ва беҳудакорӣ; бодигарӣ.

**БОДПО(Й)** بادپا(ی) 1. тезрав, тезрафтор, даванда: **аспи бодпо**. 2. *маҷ.* аспи тезрафтор.

**БОДРАНГ** I بادرنگ 1. турунҷ, навъе аз афлесун,

ки пӯсташ дурушт, зард ва хушбӯст. 2. бодиринг, хиёр.

**БОДРАНГ** II بادرنگ 1. бодмонанд, шабеҳи бод. 2. *маҷ.* аспи бодпо, даванд.

**БОДРАНҶБӮЯ** بادرنجبویه *кит.*, *бот.* як навъ гиёҳест, ки барои муолиҷаи тангии нафас ба кор мебурданд.

**БОДРАФТОР** بادرفتار тезрафтор, тезрав; чусту чолок.

**БОДРЕЗ//БОДРЕЗАК** بادریز//بادریزک меваи кирмзада ё пухтарасида, ки бо вазиши бод ба таги дарахт рехтааст.

**БОДРЕСА** بادریسه чӯб ё чарме, ки барои дар як ҷо печидани ресмон дар гирди гулӯи дуки чархи ресмонресӣ устувор карда мешавад.

**БОДРУМ** بادرم *кит.* беҳуда, табоҳ, абас.

**БОДРУҶ** بادروج навъи райҳони кӯҳӣ бо баргҳои хурду реза ва гулҳои сурхранг, ки донаи он тухми шарбатӣ номида мешавад.

**БОДРӮЗА** بادروزه *кҳн.* чизҳои даркории ҳаррӯза дар зиндагӣ, ҳамчун хӯрок, либос *ва г.*

**БОДРӮЯ** بادرویه ҷои бисёр шамолдошта; бодхез, шамолрӯя.

**БОДСАНҶ** I بادسنج *обхш.* олат барои санҷидани қувваи вазиши бод.

**БОДСАНҶ** II بادسنج *маҷ.* ҳарзагӯӣ, ҳарзакор, беҳудакор; хомтамаъ.

**БОДСАР** بادسر пурғурур, мутакаббир, гарданшах

**БОДСОР** بادسار 1. сабук, бетамкину виқор. 2. *маҷ.* сабуксайр, тезгард.

**БОДСОРӢ** بادساری бодсор будан, ғуруру такаббур кардан.

**БОДХЕЗ** بادخیز шамолгоҳ, шамолҷо, ҷои сершамол, бодрӯя: **дараи бодхез**.

**БОДХОН** بادخوان гузаргоҳи бод, сӯрох ва равзанаи бодгузар дар хона.

**БОДХӮР** بادخور 1. ҷое, ки дар он ҷо бод бисёр мевазад. 2. истироҳат ё танаффус дар миёни фаъолият ё кори хастакунанда.

**БОДХӮРА** بادخوره *тиб.* яке аз навъҳои сили пӯст, ки бадани одамро хӯрда рафтан мегирад; *муқ.* **бодхӯрда** 2.

**БОДХӮРАК** بادخورک *зоол.* парандаест парастумонанд ва аз гунҷишк калонтар, ки қариб ҳамеша дар парвоз аст.

**БОДХӮРДА** بادخورده 1. дар шамол хушкшуда. 2. гирифтор ба бемории бодхӯра, бо таъсири бемории бодхӯра нобудшуда (*одатан як қисми бинӣ, лаб ва г.*).

**БОДШИКАН** بادشکن *тиб.* дору ё хӯроке, ки бод ва варами шикамро аз байн мебарад.

**БОЕЪ** *а.* بایع байъкунанда, фурӯшанда.

**БОЁНА** بایانه ба одамони бой хос, хоси давлатдорон.

**БОЖ** باژ *шакли дигари* **боҷ**.

**БОЖГОҲ** باژگاه *ниг.* **боҷгоҳ**.

**БОЖГУНА** باژگونه *шакли дигари* **вожгуна**.

**БОЖДОР** باژدار *ниг.* **боҷдор**.

**БОЖСИТОН** باژستان *ниг.* **боҷситон**.

**боз** باز 1. *асоси замони ҳозира* аз **бохтан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* машғулшаванда: **бедонабоз, киморбоз**, **ҳуққабоз**; **созу боз** зебу зинат, ороиш. 3. *ҷузъи пешини калимаҳои мураккаб ва феълҳо ба маънои* дубора, аз нав рӯй додан, такрор ёфтани амал: **бозгаштан**, **бозомадан**, **бозомӯзӣ**.

**БОЗ** I باز 1. бори дигар, аз нав;, муҷаддадан, такроран, дубора: **боз такрор кардан**, **боз пурсидан**, **боз мурочиат кардан**, **боз фикр карда дидан**; **боз ҳам** а) ин дафъа ҳам; б) аз пештара зиёдтар, бештар аз собиқ. 2. илова бар ин, ба болои ин, ба замми ин, низ, ҳам, ғайр аз ин: **сабр кардан**, **боз 5-сентнерӣ ҳосил додан**, **боз ба куҷо равам**. 3. *пасванд* давомнокии амалро ифода мекунад; дар муддати…, ин ҷониб: **ду рӯз боз**, **се ҳафта боз**, **чанд вақт боз**, **чандин сол боз**, **солҳо боз**, **кайҳо боз**; **аз бозе ки**… аз вақте ки…, аз он даме ки…; **аз қадим боз** аз замонҳои қадим сар карда то имрӯз…; **дер боз** хеле вақт мешавад, ки… 4. *ҳиссачаи таъкидӣ* мабодо.

**БОЗ** II باز кушода, яла, во; *муқоб.* **баста**; **боз кардан** кушодан, во кардан (*дару тиреза, занҷиру қулф ва г.*); **боз шудан** кушода шудан;

◊ **дари** *касе* **ба рӯи** *касе* **боз будан** ба пазирой ва қабули касе тайёр будани касе; ба хизмати касе ҳозир будани касе; **даҳон боз кардан//лаб боз кардан** ба сухан даромадан, гап задан; **даҳонаш боз монд** ҳайрон шуд, мутаҳаййир шуд.

**БОЗ** III باز парандаи қавичанголи нӯлдароз, ки парандагон ва ҳайвоноти майдаро шикор мекунад, қуш: **бози дастомӯз**, **бози шикорӣ**.

**БОЗ** IV باز *кит., ниг.* **қулоч**.

**БОЗА** بازه *кҳн.* **чӯбдаст**.

**БОЗАВҚ** باذوق соҳиби завқ, завқманд: **мардуми бозавқ, хонандаи бозавқ**.

**БОЗАКОВАТ** باذکاوت закӣ, хуштабъ, боистеъдод.

**БОЗАНДА** بازنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **бохтан**; бозидоранда (*мас., дар қимор пули худро*); бозикунанда, бозигар.

**БОЗАНДЕШИДАН** بازاندیشیدن дубора андеша кардан, аз нав фикр кардан.

**БОЗАРБА** باضربه боқувват, сахт; бошиддат.

**БОЗАРГОН//БОЗУРГОН** بازرگان савдогар, тоҷир.

**БОЗАРГОНӢ//БОЗУРГОНӢ** بازرگانی савдогарӣ, тиҷорат, харидуфурӯш.

**БОЗАРОФАТ** باظرافت 1. соҳиби зарофат, зариф. 2. зарифона, хуштабъона.

**БОЗАРОФАТӢ** باظرافتی бозарофат будан, зарофатнокӣ; хуштабъӣ.

**БОЗАФАР** باظفر зафарманд, соҳибзафар, ғолиб: **бозафар будан**.

**БОЗАФКАНДАН** بازافکندن 1. афкандан, густурдан ба рӯи замин, паҳн кардан. 2. ба ақиб партофтан, ба таъвиқ андохтан.

**БОЗБАСТА** بازبسته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **бозбастан**. 2. хешу табор (*бештар дар шакли ҷамъ меояд*), вобастагон.

**БОЗБАСТАН** بازبستن 1. бастан, пайванд кардан; банд кардан. 2. дубора пайванд кардан.

**БОЗБИНӢ** بازبینی аз нав дида баромадан ва баррасӣ кардан.

**БОЗБОН** بازبان нигоҳдоранда ва парваришкунандаи боз, қушбон.

**бозгард** بازگرد *асоси замони ҳозира аз* **бозгаштан**; бозгарданда, пасгард: **дастгоҳи бозгарди мушаки кайҳонӣ**.

**БОЗГАРДАНДА** بازگردنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **бозгаштан**; *ниг.* **бозгард**.

**БОЗГАРДИДАН** بازگردیدن *ниг.* **бозгаштан**.

**БОЗГАРДОН(И)ДАН** بازگرداندن//بازگردانیدن *тарзи бевоситаи* **бозгардидан**; пас гардондан, гашта додан.

**БОЗГАШТ** بازگشت баргаштан, гашта омадан, пас гаштан; **дар бозгашт** вақти баргаштан.

**БОЗГАШТА** بازگشته *сифати феълии замони гузашта аз* **бозгаштан**; баргашта, гардонда, пас: **бозгашта гирифтан, бозгашта додан**.

**БОЗГАШТАН** بازگشتن баргаштан, бозомадан, гашта омадан; гашта рафтан, ба ҷои пештара рафтан, раҷъат намудан; ба ҳоли пештара баргаштан: **аз саёҳат бозгаштан**, **аз шаҳр бозгаштан**, **ба ватан бозгаштан**.

**БОЗГАШТӢ** بازگشتی *ниг.* **бозгашт**.

**БОЗГАШТНОПАЗИР** بازگشت‌ناپذیر бозгаштнадошта, бебозгашт, баргаштанопазир.

**БОЗГИРИФТАН** بازگرفتن пас гирифтан, аз нав гирифтан; гирифтан, қабул кардан; нигоҳ доштани касе ё чизе дар ҷое; боздошт кардан, тавқиф кардан; боздоштан, мутаваққиф кардан.

**БОЗГИРӢ** بازگیری азнавгирӣ, дубора гирифтан.

**БОЗГУЗАШТАН** بازگزشتن гузаштан, убур кардан.

**БОЗГУЗОШТАН** بازگذاشتن 1. раҳо кардан, даст кашидан аз коре ё чизе. 2. вогузоштан.

**БОЗГУНА** بازگونه *ниг.* **вожгуна**.

**БОЗГУСАСТАН** بازگسستن ҷудо кардан, кандан, қатъи робита кардан, буридани алоқа.

**БОЗГУСТУРДАН** بازگستردن паҳн кардан, густурдан.

**БОЗГУФТАН** بازگفتن такрор ан гуфтан; муфассал нақл кардан.

**бозгӯ(й)** بازگو(ی) *асоси замони ҳозира аз* **бозгуф-**

**тан**.

**БОЗГӮЙ** بازگوئی *исми амал аз* **бозгуфтан**; баён кардан.

**БОЗГӮЙ** بازگوی гашта нақл кардани чизи хонда ё шунида; нақли муфассал кардан.

**БОЗГӮКУНАНДА** بازگوکننده баёнкунанда, шарҳдиҳанда, баёнгар.

**БОЗДЕҲ** بازده даромаднокӣ; самаранокӣ, маҳсулнокӣ.

**БОЗДЕҲӢ** بازدهی *ниг.* **боздеҳ**.

**БОЗДИД** بازدید 1. вохӯрӣ баъд аз ҷудоӣ; дидорбинӣ, мулоқот. 2. сафари ҷавобии расмӣ: **боздиди расмӣ**, **боздид кардан** ташриф овардан, мулоқот кардан; **диду боздид** мулоқот, дидорбинӣ; зиёрат(-и дӯстон).

**БОЗДИДКУНАНДА** بازدیدکننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **боздид кардан**; ташрифоваранда.

**БОЗДОД** بازداد *ҳуқ.* супурдани ҷинояткор аз тарафи давлате ба давлати дигар, ки ҷинояткор шаҳрванди он аст (*барои ба ҷавобгарӣ кашидан ё ба иҷро расондани ҳукми судӣ*), экстрадитсия.

**БОЗДОДАН** بازدادن пас додан, гардонда додан.

**БОЗДОНИСТАН** بازدانستن 1. фарқ гузоштан ё ташхис додани чизҳо. 2. шинохтан, баҷоварӣ.

**БОЗДОР** بازدار сайёде, ки бо боз ё дигар мурғони шикорӣ сайд мекунад; *ниг.* **бозбон**.

**БОЗДОРАНДА** بازدارنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **боздоштан**; он ки боздошт мекунад, ҷилавгир, пешгиранда.

**БОЗДОРӢ** I بازداری *исми амал аз* **боздоштан**; боздошт, манъ кардан.

**БОЗДОРӢ** II بازداری боздор будан, нигоҳ доштани боз ва парвариш кардани он.

**БОЗДОШТ** بازداشت нигоҳдошт, нигоҳдорӣ, манъ кардан; нигоҳ доштан аз чизе.

**БОЗДОШТА** بازداشته *сифати феълии замони гузашта аз* **боздоштан**; зиндонӣ, маҳбус.

**БОЗДОШТАН** بازداشتن нигоҳ доштан аз чизе, монеъ шудан; манъ кардан; хобондан (*кореро*); пеши роҳи касеро гирифтан; ба истодан маҷбур кардан, нагузоштан: **аз рафтан (роҳ) боздоштан**, **аз гиря (ханда) боздоштан**, **аз ҳуҷум (ҷанг) боздоштан**.

**БОЗДОШТГОҲ** بازداشتگاه ҷое, ки боздоштшудагонро нигоҳ медоранд, маҳалли боздоштагон.

**БОЗДОШТШУДА** بازداشتشده дастгиршуда.

**БОЗЕҲН** بازهن боҳушу боақл.

**БОЗЁБӢ** بازیابی дубора ёфтан ва пайдо кардани чизе.

**БОЗЁФТ** بازیافت 1. чизи тоза ба даст даромада, нав ёфтшуда; кашфиёт; **шӯъбаи бозёфтҳо** шӯъбае, ки чизҳои гумкардаи одамон ёфта шаванд, он ҷо нигоҳ дошта мешаванд. 2. фоида, нафъ; чизи бемеҳнат ба даст омада.

**БОЗЁФТА** بازیافته *сифати феълии замони гузашта аз* **бозёфтан**; дубора ба даст омада, аз нав пайдо шуда.

**БОЗЁФТАН** بازیافتن тоза ба даст даровардан, аз нав ёфтан; чизи аз даст рафтаро гашта ба даст даровардан.

**БОЗИГАР** بازیگر 1. бозикунанда, иштироккунандаи ягон бозӣ (*футбол, билиярд, шоҳмот, қимор ва г.*). 2. *гуфт.* рақскунанда, раққос. 3. иҷрокунандаи ягон нақш дар филм, театр ва сирк. 4. *маҷ.* шӯх; серҳаракат, беором: **бачаи бозигар**, **аспи бозигар**, **чашми бозигар**.

**БОЗИГАРДОН** بازیگردان 1. бозигаре, ки ҳангоми бозӣ бозигарони вобастаи худро бо машварат ва амалҳои дигар идора мекунад. 2. он ки дар намоиш ва филмҳо лӯхтакҳоро ба ҳаракат оварда, онҳоро намоиш медиҳад.

**БОЗИГАРДОНӢ** بازیگردانی амали бозигардон.

**БОЗИГАРӢ** بازیگری 1. амали бозигар дар филму намоишҳо. 2. шуғли бозигар. 3. найрангбозӣ, ҳуққабозӣ.

**БОЗИГОҲ** بازیگاه *кит.* ҷои махсус барои бозӣ.

**БОЗИГӮШ** بازیگوش *кит.* бозидӯст; шӯху шанг, густох.

**БОЗИДАН** بازیدن 1. *ниг.* **бохтан**. 2. бо ягон бозӣ (*футбол, шоҳмот ва г.*) машғул будан, бозӣ кардан; **нақш бозидан** а) иҷро кардан ягон нақшро дар филм, театр ё сирк; б) бо асар ё фаъолияти худ дар ягон соҳа мақомеро ишғол кардан; в) *маҷ.* аҳамият доштани чизе

дар коре.

**БОЗИДЕҲ** بازیده фиребдиҳанда, фиребгар.

**БОЗИЛ** *а.* باذل базлкунанда, бахшанда, сахӣ.

**БОЗИН** بازین бо ин, боз.

**БОЗИНАТ** بازینت бо зебу зинат, зебо ородода.

**БОЗИНГАР** بازنگر *ниг.* **бозигар**.

**БОЗИСТОДАН** بازایستادن қатъ шудан ё қатъ кардан (-и ягон ҳаракат), таваққуф: **аз гардиш бозистодан**, **аз сухан бозистодан**; **бозистодани хун** аз ҷараён мондани хун, қатъ шудани резиши хун.

**БОЗИЧА** بازیچه 1. чизе, ки бо он бачагон бозӣ мекунанд, асбоби бозии кӯдакон (*аз қабили* зоча, мошинча, тракторча *ва г.*). 2. кори ғайриҷиддӣ, кори саҳл ва осон. 3. *маҷ.* олати дасти касе, чизи тобеи касе; **бозичаи дасти** *касе* **шудан** бо гуфтаи касе кор кардан, олати дасти касе шудан.

**БОЗИЧАФУРӮШ** بازیچه‌فروش фурӯшандаи бозичаҳои бачагон.

**БОЗИЧАФУРӮШӢ** بازیچه‌فروشی 1. ҷои фурӯхтани бозичаҳои бачагон: **дӯкони бозичафурӯшӣ**. 2. амали бозичафурӯш; бозичафурӯш будан.

**БОЗӢ** بازی 1. машғулияти шавқу ҳавасангез ё амали дигар барои андармонӣ, дамгирӣ ва ё мусобиқа (*аз қабили* шоҳмотбозӣ, билиярдбозӣ, теннисбозӣ, лухтакбозии бачагон *ва г.*); **бозии рафиқона** вохӯрии ғайрирасмии ду ва зиёда аз тарафҳо дар ягон навъи бозӣ (*мас.*, *футбол*). 2. иҷрои накш дар филму театру сирк; ҳунарнамоӣ; **накшеро бозӣ кардан** а) иҷро кардани накше дар филм, театр ва сирк; б) *маҷ.* мақом ва аҳамият доштани касе (чизе) дар коре. 3. *маҷ.* ҳаракат, ҷунбиш; **бозии бод** вазиши гарму форами бод; **бозии мавҷи дарё** ҷунбиши мавҷҳои дарё. 4. *маҷ.* рақс, усул. 5. *маҷ.* ҳила, найранг; фиреб. 6. ҳазл, шӯхӣ: **шӯхию бозӣ, хандаю бозӣ**. 7. маълум кардан ва баровардани бурдҳо ба вомбарг ва лотерея (*ба воситаи қуръакашӣ ва г.*): **бозӣ-бозӣ** бозикунон; ҳазлкунон, шӯхӣ ба шӯхӣ; **бозӣ доронидан** а) *тарзи бавоситаи* **бозӣ доштан**; б) ҷунбондан, ба ҳаракат даровардан; **бозӣ доштан** а) саргарм кардан, андармон кардан (*бо машғулияте, хусусан бачагонро*); б) ба ҷунбиш овардан, ҳаракат додан; **бозӣ кардан** а) худро саргарм (банд, андармон) кардан, машғули бозие шудан; б) иҷро кардани накше дар театр, филм ва сирк; в) рақсидан, усул кардан; г) оҳиста ҷунбидан, нарм-нарм ҳаракат кардан; ғ) навохтан; д) *маҷ.* намудор будан; ҷилвагарӣ кардан, дурахшидан (*мас.*, *ашк дар чашм, табассум дар лаб, акси моҳ дар об*); **бо пул бозӣ кардан** а) дар қимори пулакӣ иштирок кардан; б) *маҷ.* ҳамеша серпул будан; пули зиёд доштан; ◊ **бозиҳои олимпӣ** мусобиқаҳои байналхалқии варзишгарон, ки аз соли 1896 дар ҳар чаҳор сол як бор гузаронида мешаванд, олимпиада; **бозӣ додан** фиреб додан, гӯл кардан касеро; **бозӣ кардани шамшер** (ё **тозиёна**) **дар сари** *касе* таҳдид кардан касеро, дар таҳти хавфу хатар нигоҳ доштан касеро; **ба доираи (ё нақораи)** *касе* **бозӣ кардан** аз рӯи нишондоди касе кор кардан, ба гуфтаи касе мутеона амал кардан; **бо сар бозӣ кардан** кори ниҳоят хавфнок кардан, бо коре, ки хавфи марг дорад, машғул шудан; **дили** *касе* **бозӣ кардан** ғайримӯътадил задани дил, берун аз ҳадди эътидол сахт тапидани дил (*мас.*, *аз ҳаяҷон*).

**БОЗКАШИДАН** بازکشیدن дурӣ ҷустан, парҳез кардан аз коре ё чизе.

**БОЗКУНАНДА** بازکننده азбайнбарандаи монеа ё садде, ки дар роҳи ҳаракат ё маҷро қарор дорад, кушоянда, бозгар.

**БОЗКӮШИДАН** بازکوشیدن кӯшиш кардан, саъй кардан; ҷаҳд кардан.

**БОЗМОНДА** بازمانده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **бозмондан**. 2. боқимонда; пасмонда: **бозмондаи масолеҳи бинокорӣ**. 3. *маҷ.* авлод, насл; ворис (*бештар дар шакли ҷамъ* – бозмондагон *истеъмол мешавад*).

**БОЗМОНДАН** بازماندن 1. ақиб мондан, қафо мондан. 2. аз кор мондан, таваққуф намудан, истодан: **аз кор бозмондани мошин**, **аз ҳаракат бозмондани чизе**; **аз мева додан бозмондани дарахт** ҳосилдиҳиро қатъ кардани дарахт; **аз ҳаракат бозмондани** *касе* аз по афтодани касе.

**БОЗМОНОНДАН** بازمانانیدن 1. *шакли бавоситаи* **бозмондан**. 2. нигоҳ доштан (*аз коре*).

**БОЗНАМУДАН** بازنمودن *кит.* кушодан; ошкор

кардан, баён кардан.

**БОЗНИГАРӢ** بازنگری аз нав дида баромадан; бозрасии дубора, таҷдиди назар.

**БОЗНИШАСТА** بازنشسته *ниг.* **барҷомонда**.

**БОЗНОГАРД** بازناگرد бозгаштнадошта, такрорнашаванда.

**БОЗНОМА** بازنامه *нав.* варақаи махсуси почтавӣ барои мактуби боз ё табрикот.

**БОЗОМАДАН** بازآمدن бозгаштан аз ҷое, гашта омадан.

**БОЗОМӮЗӢ** بازآموزی *нав.* аз нав омӯхтани касбу ихтисосе; такмили донишҳо оид ба ихтисос.

**БОЗОНДАН** بازاندن *шакли бавоситаи* **бозидан**.

**БОЗОР** بازار 1. маҳалли махсуси харидуфурӯш, ки аз раставу дӯконҳои зиёде иборат аст: **бозори ғалла**, **бозори китоб**, **бозори болокушода**, **бозори болопӯшида**. 2. рӯзи муайяни харидуфурӯш, ки одатан ҳар ҳафта як ё ду бор барпо мегардад: **рӯзи бозор**; **бозори шаб // бозори шабона** бозоре, ки одатан дар шабҳои моҳи рамазон барпо мегардид; **шаби бозор** шаби бевоситаи баъди рӯзи бозор, яъне бегоҳи рӯзи душанбе (*ки одатан оши палав мепазанд*). 3. фурӯш; савдо, харидуфурӯш: **барои бозор**, **ба бозор баровардани** *чизе*; **бозори калоба** а) ҷои фурӯши калоба б) *маҷ.* ҷои пурмағал, серғавғо ва бетартиб; **бозори тез** савдои чаққон; серхаридорӣ; **бозор кушодан** бозор барпо кардан, ба фурӯш гузоштани молу чиз; **аз бозор мондан** ба фурӯш нарафтан; **бозори** *касе* **авҷ гирифтан // бозори** *касе* **барор ёфтан** а) зиёд шудани харидору талабгор ба чизи фурӯшии касе; б) ривоҷу равнақ ёфтани кори касе; **бозори** *чизе* **ё** *коре* **гарм шудан (тафсидан)** а) авҷ гирифтани савдо ва харидуфурӯши чизе; харидору талабгори зиёд пайдо шудан (*ба чизе ё коре*); б) равнақ ёфтани коре; **бозори** *чизе ё кореро* **гарм кардан** *киноя аз* ривоҷу равнақ додан, ба авҷаш расондан (кореро); **бозори** *чизе* **касод будан** набудани харидор (талабгор) аз чизе; суст будани савдои чизе; **сухани (гапи) хона ба бозор рост намеояд** (*мақ.*) дар мавриди мутобиқат накардан ё нодуруст баромадани маслиҳат ва мулоҳизаҳои пешакӣ ба сабаби тағйир ёфтани вазъият гуфта мешавад.

**БОЗОРАКӢ** بازارکی фурӯшанда ва харидор; аҳли бозор.

**БОЗОРГАРД** بازارگرد 1. дӯстдорандаи гардиш дар бозор. 2. он ки корҳои харидуфурӯшро ба ӯҳда дорад, бозорӣ.

**БОЗОРГАРДӢ** بازارگردی бозоргард будан; дар бозор (беҳуда) гаштан.

**БОЗОРГИР** بازارگیر талабгору харидораш зиёд, серхаридор: **моли бозоргир**.

**БОЗОРГОН** بازارگان *ниг.* **бозаргон**.

**БОЗОРГОНӢ** بازارگانی *ниг.* **бозаргонӣ**.

**БОЗОРГОҲ** بازارگاه маҳалле ё майдоне, ки дар он ҷо бозор барпо мегардад, бозорҷо.

**БОЗОРЁБ** بازاریاب он ки кораш ёфтани бозори хуб барои фурӯши маҳсулот аст.

**БОЗОРЁБӢ** بازاریابی шуғл ва амали бозорёб.

**БОЗОРИДӮЗ** بازاری‌دوز 1. дӯхташуда дар бозор аз тарафи дӯзандаи ношинос, ки одатан кайфияти хуб надорад ва кори дӯзанда пинҳонӣ аст. 2. дӯзандаи бозор, ки пинҳонӣ амал мекунад.

**БОЗОРИДӮЗӢ** بازاری‌دوزی дӯхтани чизе барои фурӯш дар бозору фурӯшгоҳҳо ба тариқи пинҳонӣ, молҳои беиҷозат дӯхташуда.

**БОЗОРИЁНА** بازاری‌یانه ба шеваи бозо–риён.

**БОЗОРИЗОДА** بازاری‌زاده фарзанди бозорӣ, бозорӣ.

**БОЗОРӢ** بازاری 1. *мансуб ба* **бозор**; **нони бозорӣ** ноне, ки барои фурӯш пухта шудааст. 2. дар бозор буда, аҳли бозор.

**БОЗОРНОГУЗАР** بازارناگذر касмахар, касод, ба фурӯш нараванда, ғайрибозоргир: **моли бозорногузар**.

**БОЗОРЧА** بازارچه *шакли тасғири* **бозор**; бозори хурд.

**БОЗОРЧӢ** بازارچی *гуфт.* он ки корҳои харидуфурӯшро ба ӯҳда дорад (*мас.*, *дар ягон оила*).

**БОЗОРҶО(Й)** بازارجا(ی) *ниг.* **бозоргоҳ**.

**БОЗОРШИНОС** بازارشناس *нав.* мутахассиси маркетинг (бозоршиносӣ), маркетолог.

**БОЗОРШИНОСӢ** بازارشناسی *нав.* амали бозоршинос, маркетинг.

**БОЗПАЙВАСТАН** بازپیوستن дубора ба ҳам омадан; аз нав пайванд шудан.

**БОЗПАРВАРДАН** بازپروردن парвариш додан, тарбия кардан.

**БОЗПАРВАРӢ** بازپروری *нав.* 1. тарбия ваислоҳи шахсони нашъаманд ё бемор ва омода кардани онҳо барои бозгашт ба ҷомеа. 2. аз нав барқарор кардани нерӯ ва қувва ба роҳи варзишкорӣ ва реҷаи хӯрок. 3. маҳалле, ки дар он ҷо нашъамандон барои тарки одатҳои бад нигаҳдорӣ ва табобат мешаванд.

**БОЗПАРДОХТ** بازپرداخت *иқт.* пас додани қарз ба бонк ё муассисаи дигари молиявӣ.

**БОЗПАРДОХТАН** بازپرداختن *иқт.* қарзро баргардондан, пардохт кардан.

**БОЗПАС** بازپس қафо; ақиб; **бозпас додан** баргардонидан, гардонда додан; **бозпас мондан** ақиб мондан, қафо мондан.

**БОЗПАСГИРӢ** بازپس‌گیری дубора ба даст овардани он чи ки дар ихтиёри дигаре буд.

**БОЗПАСИН** بازپسین вопасин, охирин.

**БОЗПЕЧ** بازپیچ *кит.* 1. шаддаи мӯҳра, ки барои бозии тифл аз чӯби гаҳвора овезон карда мемонанд. 2. алвонҷ, арғунчак.

**БОЗПИРОӢ** بازپیرائی ороста ва зебо кардан, пироиш кардан.

**БОЗПУРС** بازپرس *ниг.* **муфаттиш**, истинтоқгар, пурсанда.

**БОЗПУРСИДАН** بازپرسیدن 1. пурсидан, тафтиш кардан. 2. аҳволпурсӣ кардан.

**БОЗПУРСӢ** بازپرسی *нав.* пурсиш; таҳқиқ; истинтоқ.

**БОЗПУХТ** بازپخت *нав.* коркарди ҳароратии филиз ва шиша, гармӣ додан ва сипас хунук кардани мавод барои нарм кардани онҳо ё тағйир додани сифати онҳо.

**БОЗРАС** بازرس *нав.* он ки дар идораи бозрасӣ кор мекунад, нозир.

**БОЗРАСӢ** بازرسی *нав.* низом ва идора – системаи назорат аз болои дуруст иҷро шудани қонун ва қарорҳои ягон соҳа, нозирот; инспексия; **бозрасии давлатии автомобилӣ** мақоми давлатӣ оид ба таъмини тартиботи истифодабарии нақлиёти автомобилӣ ва ҳаракат дар роҳҳо ва инчунин назорат бар онҳо.

**БОЗРАСТАН** بازرستن *кит.* наҷот ёфтан, раҳо шудан.

**БОЗРАФТАН** بازرفتن *кит.* рафтан; рафта расидан, восил шудан.

**БОЗСОЗӢ** بازسازی 1. навсозӣ, дигаргунсозӣ, ислоҳот. 2. *таър.* ислоҳоти куллӣ ва ҳамаҷонибаи ҷамъияти шӯравӣ, ки ҳукумати шӯравии собиқ соли 1985 эълон намуда буд.

**БОЗУ** بازو 1. қисми болои даст аз китф то оринҷ: **бозувони қавӣ**, **банди бозу**; **бокитфу бозу** тануманд; боқувват. 2. *маҷ.* зӯр, қувват, иқтидор; **бо зӯри бозу** ба воситаи зӯрӣ, бо ёрии қувва.

**БОЗУБАНД** بازوبند 1. асбоби зинати бозу, дастпона. 2. *д.* тӯморе, ки ба бозу мебанданд.

**БОЗУДАРОЗ** بازودراز 1. дастдароз. 2. *кин.* қавидаст, зӯрманд, тавоно.

**БОЗӮ** بازو *ниг.* **бозу**.

**БОЗХАРИД** بازخرید *ниг.* **бозхаридан**.

**БОЗХАРИДАН** بازخریدن 1. дубора ва аз нав харидани чизе, ки қаблан фурӯхта ё бахшида шуда ё касе зӯран соҳибӣ кардааст. 2. харида озод кардани асир ё ғулом.

**БОЗХОНД** بازخواند *исми феълӣ аз* **бозхондан**; пас даъват карда гирифтан, чеғ зада гирифтан (*фиристода, гумошта ё интихобкардаи худро*): **бозхонди намоянда**.

**БОЗХОНДА** بازخوانده *сифати феълии замони гузашта аз* **бозхондан**; чеғзадагирифта, баргаштагирифта (*аз мансабе*).

**БОЗХОНДАН** بازخواندن пас даъват карда гирифтан, чеғ зада гирифтан (*фиристода, таъйинкарда ё интихобнамудаи хешро*).

**БОЗХОНӢ** بازخوانی 1. дубора хондани навишта ё матн. 2. хондани асари қадима барои таҳқиқи пажӯҳиш.

**БОЗХОСТ** بازخواست 1. пурсиш, пурсуҷӯ, пурсукови сабаби гуноҳ ё рафтори касе, таҳқиқ, тафтиш. 2. итоб; ҷазо; **бозхост кардан (намудан)** а) пурсуков кардани сабаби гуноҳ ё рафтори касе, таҳқиқу тафтиш кардан; б) ба

ҷавобгарӣ кашидан; ҷазо додан; ◊ **рӯзи бозхост** рӯзи қиёмат, охират, рӯзи растохез.

**БОЗХОСТАН** بازخواستن баргашта талаб кардан, пас талабидан.

**БОЗХОҲ** بازخواه хоҳанда, талабкунанда.

**БОЗҶУСТАН** بازجستن тафтиш кардан, таҳқиқ кардан.

**БОЗҶӮЙ** بازجویی тафтиш, таҳқиқ.

**БОЗШУМОРӢ** بازشماری *нав.* аз нав шумурдан, дубора ҳисоб кардан.

**БОИДРОК** بادراک соҳибидрок, бофаҳму фаросат, хушфаҳм, зирак.

**БОИЗЗАТ** باعزت иззатманд, арҷманд, азиз.

**БОИЗТИРОБ** بااضطراب бохавф, дорои изтиробу хавфу хотир.

**БОИҚТИДОР** بااقتدار муқтадир, тавоно, қавӣ, боқувват.

**БОИЛТИФОТ** باالتفات 1. он ки лутфу илтифот дорад; меҳрубон. 2. аз рӯи лутфу марҳамат, илтифоткорона.

**БОИЛТИФОТӢ** باالتفاتی боилтифот будан; лутфу марҳамат нишон додан; меҳрубонӣ.

**БОИМОН** باایمان имондошта, мӯъмин.

**БОИМТИЁЗ** باامتیاز имтиёзманд, бартаридор, афзалиятнок: **табақаҳои боимтиёз**.

**БОИМҶОН** بایمجان *ниг.* **бодинҷон**.

**БОИН** *а.* بائن//باین *кит.* ҷудо, ҷудошуда; **се талоқи боин** *д.* се талоқи ҷудокунанда (*зану шавҳарро*).

**БОИНСОФ** باانصاف он ки аз рӯи адлу инсоф амал мекунад, инсофдор, одил: **дузд бошу боинсоф бош** (*мақ.*).

**БОИНСОФӢ** باانصافی боинсоф будан; инсоф доштан, одилӣ.

**БОИНСОФОНА** باانصافانه аз рӯи адлу инсоф.

**БОИНТИЗОМ** باانتظام он ки интизом дорад, ботартиб.

**БОИНТИЗОМӢ** باانتظامی боинтизом будан, тартибу интизом доштан, интизомнокӣ.

**БОИРОДА** بااراده соҳибирода; дорои иродаи мустаҳкам.

**БОИС** باعث сабаб, мӯҷиб; **аз боиси**... а) аз сабаби ..., ба сабаби...; б) барои ..., ба хотири...; **боиси** *чизе* **гардидан (шудан)** сабабгори чизе шудан.

**БОИСМАТ** باعصمت покдоман, бегуноҳ.

**БОИСМАТӢ** باعصمتی боисмат будан, поку бегуноҳ будан.

**БОИСРОР** بااصرار истодагарона, исроркорона.

**БОИСТ** بایست лозим, зарур, воҷиб; бояд.

**БОИСТА** بایسته лозим, зарурӣ, сазовор, шоиста, муносиб.

**БОИСТАГӢ** بایستگی зарурат, лозимӣ, боиста будан; шоистагӣ, лаёқатмандӣ.

**БОИСТАН** بایستن лозим будан, зарур будан, даркор будан.

**БОИСТАНӢ** بایستنی *сифати феълии замони оянда* аз **боистан**; коре, ки иҷро шуданаш лозим ва зарур аст.

**БОИСТЕҲҚОҚ** بااستحقاق *кит.* сазовор, шоиста, ҳақдор.

**БОИСТЕЪДОД** بااستعداد соҳибистеъдод, истеъдоднок; қобилиятнок, болаёқат: **шоири боистеъдод**, **ҷавони боистеъдод**.

**БОИСТЕЪДОДӢ** بااستعدادی боистеъдод будан, истеъдоднокӣ; қобилиятнокӣ, лаёқатмандӣ.

**БОИФТИХОР** باافتخار бофахр, бовиқор.

**БОИФФАТ** باعفت аз шаҳват парҳезкунанда, парҳезгор, покдоман.

**БОИФФАТӢ** باعفتی покдоманӣ, парҳезгорӣ.

**БОИХТИСОС** بااختصاص ихтисоснок, соҳибихтисос; аз рӯи тахассусе таълимдида: **муаллими боихтисос**.

**БОИХТИСОСӢ** بااختصاصی ихтисоснокӣ, соҳибихтисосӣ, мутахассис будан.

**БОЙ** I *т.* بای сарватманд, давлатманд, молдор, ғанӣ, доро; ғайримӯҳтоҷ, таъмин; **забони бой** забони захираи луғавиаш зиёд ва сохти грамматикиаш мукаммал; **бой шудан (гардидан)** давлати фаровон ёфтан, соҳиби пулу моли зиёд шудан, сарватманд гардидан; **аз** *чизе* **бой будан** чизеро фаровон доштан, ба миқдори номаҳдуд соҳиб будан ба чизе.

**БОЙ** II بای :**бой додан** а) бохтан, мағлуб шудан, таслим гаштан, банд шудан (*дар ягон бозӣ, мусобиқа, гарав, мубоҳиса ва г.*); б) аз чизе маҳрум шудан, аз даст додан (*мас.*, *пулро дар қимор*); ◊ **дили худро бой додан** а) тарсидан, ҳаросидан; б) ба касе ошиқ шудан, ба ишқи касе гирифтор шудан; **корро бой додан** имкониятро аз даст додан, дар коре шикаст ёфтан; **сир бой надодан** замири дили худро пинҳон доштан; ҳолати ботинии худро махфӣ нигоҳ доштан; **худро бой додан** а) аз тарсу ҳарос чӣ кор кардани худро надониста мондан; б) харобу лоғар шудан (*муқ.* **худро гирондан**); в) худро аз даст додан; аз ҳол рафтан; **ҳеҷ чиз бой надодан** ягон зарар надидан; чизеро гум накардан.

**БОЙБАЧА** بایبچه 1. писари бой, фарзанди бой. 2. *маҷ.* калонхарҷ (*аз пули бедарди миён*).

**БОЙБАЧАГӢ** بایبچگی 1. бойбача будан. 2. *маҷ.* калонхарҷӣ (*аз пули муфт*); **бойбачагӣ кардан** калонхарҷӣ кардан.

**БОЙБАЧЧА** بایبچّه *гуфт., ниг.* **бойбача**.

**БОЙБИКА** بایبکه *кҳн.* бойзан, хӯҷаинзан.

**БОЙБОБО** بایبابا калимаест, ки одатан зердастон дар мурочиат ба шахси сарватманд ба кор мебаранд.

**БОЙГОН** بایگان он ки кораш ҷо ба ҷо кардани маводи бойгонӣ аст.

**БОЙГОНӢ** بایگانی 1. муассисае, ки он ҷо ҳуҷҷатҳои кӯҳнаю қадима ва ёдгориҳои хаттӣ нигоҳ дошта мешаванд; шӯъбае дар муассиса, ки дар он ҳуҷҷатҳои кӯҳнаи он муассиса маҳфуз дошта мешаванд. 2. маҷмӯи дастнависҳо, мактубҳо ва дигар асноди *марбут ба* фаъолияти шахсе, архив: **бойгонии нависанда**.

**БОЙДИҲАНДА** بایدهنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **бой додан**.

**БОЙДОДА** بایداده *сифати феълии замони гузашта аз* **бой додан**; шахси бозиро бохта, мағлуб дар қимор ва ё мусобиқае.

**БОЙДУХТАР** بایدختر 1. духтари шахси бой. 2. духтари молу чиздор, духтари бадавлат.

**БОЙЗАН** بای زن 1. зани бой. 2. зани бадавлат; хӯҷаинзан, хӯҷаинзанак.

**БОЙИГАРӢ** بائگری маҷмӯи чизҳои қиматдошта (*хоҳ молу хоҳ канданиҳои фоиданок*); сарват, дороӣ, давлат: **бойигариҳои зеризаминӣ**, **бойигариҳои табиӣ**.

**БОЙИМҶОН** بایمجان *ниг.* **бодинҷон**.

**БОЙӢ** بائی 1. *мансуб ба* **бой(ҳо)**. 2. боигарӣ, давлатмандӣ, бой будан.

**БОЙЧА** بایچه *шакли тасғири* **бой**: бойи начандон калон; шахси нав пулу чизро дида.

**БОЙЧЕЧАК** بایچیچک *бот.* гиёҳи гули зарду сафедчадор, ки дар кӯҳу саҳро баъди тамом шудани барфҳо мерӯяд ва муждарасони баҳор шумурда мешавад, гули баҳман, наргис.

**БОЙШАВӢ** بایشوی *исми амал аз* **бой шудан**; сарватандӯзӣ, давлатғундорӣ.

**БОК** باک тарс, хавф, бим; **бок надоштан** тарс надоштан, парво надоштан (*аз касе ё чизе*); **боке нест // ҳеҷ боке не** воқеаи баде рӯй надодааст, кори ганда нашудааст; зарар надорад; ҳеҷ гап не.

**БОКАЛЛА** باکلّه боақл, боҳуш, дорои огоҳӣ ва қудрати андеша.

**БОКАРРУФАР** باکرّوفر ботакаббур, олуфта, боғурур.

**БОКИРА** *а.* باکره духтари ба шавҳар набаромада, шавҳарнадида, дӯшиза.

**БОКИРАГӢ** باکرگی бокира будан, вазъ ва ҳолати бокира.

**БОКИФОЯТ** باکفایت дорои кифоят, кордонӣ, ботадбир.

**БОКӢ** *а.* باکی *кит.* гирякунанда, гирянда.

**БОКС** *англ.* باکس *варз.* навъи бозии варзишгарон, ки иборат аст аз муштзанӣ (*бо дастпӯшакҳои махсус*) дар байни ду каси ҳамвазн бо риояи қоидаҳои муайян.

**БОКСИТ** *фр.* باکسیت *маъд.* ҷинси кӯҳӣ, ки дар таркибаш асосан оксиди алюминий ва оҳан мавҷуд аст ва беҳтарин навъи алюминийро аз он мегиранд.

**БОКСИТДОР** باکسیتدار дорои боксит.

**БОКСЧӢ** باکسچی варзишгаре, ки бо бокс машғул аст, муштзан (боксёр).

**БОКУРА** *а.* باکوره *кит.* 1. меваи пешпазак, меваи наврас. 2. мевае, ки ҳанӯз нағз напухта-

аст, меваи нимпухта, меваи нимдунбул.

**БОКУРРА** *а.* باكرّه байтали бачадор, моди–ёни дорои курра; *маҷ.* зани бачадор.

**БОҚИДОР** باقى‌دار он ки қарз ё воми худро пурра пардохт накарда, як қисмаш боқӣ мондааст.

**БОҚИМОНДА** باقى‌مانده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **боқӣ мондан**. 2. бозмонда, мобақия, бақия; бакорнарафта; пасмонда; зиёдатӣ: **пули боқимонда**, **боқимондаи хӯрок**. 3. ҳиссаи барҳамнахӯрдаи чизе; қисми азбайннарафтаи гурӯҳе: **боқимондаҳои давраи гузашта**.

**БОҚӢ** *а.* باقى 1. поянда, пойдор, устувор, барқарор: **то даме ки нафас боқист**, **то ҷаҳон боқист**. 2. бақия, мобақӣ; бозмонда, пасмонда; зиёдӣ кардамонда; қисми дигари чизе, ҳиссаи дигари чизе. 3. *риёз.* ҳосили тарҳи як адад аз адади дигар; **боқӣ мондан** а) пойдор (барқарор) мондан; маҳфуз мондан, нигоҳ дошта шудан; б) ба ҷо мондан, пас мондан аз касе (чизе), сарф нашуда мондан; в) бартараф нашудан, барҳам нахӯрдан; нест нашудан; **аз худ боқӣ гузоштан** монда рафтан, ба ёдгор мондан; **аз** *чизе* **асаре боқӣ намондан** тамоман аз байн рафтан, ба куллӣ маҳв шудани чизе.

**БОҚУВВАТ** باقوّت 1. зӯр, тавоно, қавӣ, бақувват; тануманд; солиму бардам. 2. қувватдиҳанда; серғизо, ғизобахш: **хӯроки боқувват**. 3. маҳкам, мустаҳкам, сахт: **иморати боқувват**.

**БОҚУВВАТӢ** باقوّتى боқувват будан, зӯрӣ, тавоноӣ.

**БОҚУДРАТ** باقدرت боиқтидор, боқувват, муқтадирӣ, қавӣ.

**БОҚУДРАТӢ** باقدرتى қудратнокӣ, боқувватӣ, муқтадир, тавоноӣ.

**бол** بال *асоси замони ҳозираи* **болидан**.

**БОЛ** I بال 1. узве, ки парандаҳо ва баъзе ҳашарот ба воситаи он парвоз мекунанд, қанот. 2. қисми ба ду тараф пахншудаи ҳавопаймо; **болу пар** а) қанот; б) *маҷ.* қувва(т), иқтидор, тавон; в) *маҷ.* такягоҳ, пушту паноҳ; **болу пар бароварда**… *киноя аз* шитобон, бо майлу рағбати зиёд (*мас.*, *омадан*, *рафтан ба ҷое*); **бол афшондан // бол задан // бол кушодан** паридан, парвоз кардан; **боли** *касеро* **кандан** *киноя* аз касеро оҷизу нотавон кардан (*мисли мурғи беболу пар*); **болу пар бахшидан** қуввату тавоноӣ додан; ба воя расондан, ба камол расондан; **болу пар задан дар талаби** *чизе* (*мас.*, *илму дониш*) саъю кӯшиш кардан барои ба даст даровардани чизе; **болу пар шикастан** аз болу пар ҷудо шудан; қобилияти парвозро гум кардан; **аз болу пар ҷудо шудан** *маҷ.* бекасу бепаноҳ шудан.

**БОЛ** II بال *кит.* дил, қалб; хотир; **ба фароғи бол** фориғболона, хотирҷамъона, бо хотири ҷамъ.

**БОЛАЁҚАТ** بالياقت лаёқатнок, қобилиятнок; боистеъдод: **шогирди болаёқат, ҷавони болаёқат**.

**БОЛАЁҚАТӢ** بالياقتى лаёқатнокӣ, қобилиятнокӣ.

**БОЛАЗЗАТ** بالذت лаззатнок, лазиз, хуштаъм, бомаза, гуворо: **таоми болаззат**, **хӯроки болаззат**.

**БОЛАЗЗАТӢ** بالذتى лаззатнокӣ, лазизӣ, хуштаъмӣ: болаззат будан.

**БОЛАНДА** بالنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **болидан**.

**БОЛАТОФАТ** بالطافت латофатдошта, латиф.

**БОЛАФШОН** بال‌افشان болҷунбон; дар ҳолати парвоз, парида; **болафшон шудан** а) дар парвоз шудан, паридан; б) *маҷ.* рақс кардан, ба рақс омадан.

**БОЛАФШОНӢ** بال‌افشانى *исми амал аз* **бол афшондан**.

**БОЛВОЯ** بالوايه *кит., ниг.* **фароштурук**.

**БОЛҒА** بالغه путк, хоиск, чаккуш.

**БОЛҒАЧА** بالغچه путки хурд.

**БОЛДОР** بالدار дорои бол, қанотдор (*асосан сифати парандагон*).

**БОЛЗАНОН** بالزنان дар ҳоли ба ҳам задани болҳо.

**БОЛИҒ** *а.* بالغ 1. *кит.* расида; расо; **болиғ ба**… дар ҳудуди…; тақрибан: **болиғ ба як тонна**. 2. ба балоғат расида; ҷавон; **болиғ шудан** ба синни балоғат расидан, ба ҳадди камол ра-

сидан.

**БОЛИҒДАВЛАТ** بالغدولت *кит. киноя аз* **давлатманд**.

**БОЛИҒДИЛ** بالغدل *кит.* равшанзамир, доно.

**БОЛИҒНАЗАР** بالغنظر *кит.* соҳибназар; дурандеш.

**БОЛИД** *ю.* باليد *нуҷ.* шиҳоби калони дурахшон.

**БОЛИДА** باليده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **болидан**. 2. *маҷ.* сарфарозона, сарбаландона; ифтихормандона; **табъи болида** а) табъи баланд; б) табъи хуш.

**БОЛИДАН** باليدن 1. рӯидан; нумӯ кардан. 2. сар афрохтан; фахр кардан, нозидан. 3. *маҷ.* хушвақт шудан, хушҳол гаштан; рӯҳбаланд шудан; **ба худ болидан** фахр кардан бо ягон чиз ё хислати худ; мағрур шудан; **табъи** *касе* **болидан** а) кушода шудани табъи касе; хушҳол шудан; б) *маҷ.* ба завқу илҳом омадан.

**БОЛИН** بالين *ниг.* **болиш**; ҷои сар мондан дар вақти хоб: **болини беморӣ**, **болини марг**; **ба (бар) сари болини** *касе* дар назди ҷои хоби касе, ба пеши бистари касе (рафтан, нишастан); **дар як болин сар мондан бо** *касе* ҳамхоба шудан; зану шӯ шудан.

**БОЛИШ** بالش *исми феълӣ аз* **болидан**; сабзиш, рӯиш, нашъунамо.

**БОЛИШ(Т)** بالش//بالشت он чи вақти хоб зери сар мегузоранд, болин; такя: **болишти пар**.

**БОЛИШТАК** بالشتک 1. *шакли тасғири* **болиш(т)**. 2. *тех.* такягоҳ дар механизмҳои гуногун; асоси иморат.

**БОЛИШТЧА** بالشتچه болишти хурд.

**БОЛО** I بالا 1. қисми баланди ҳар чиз, забар, фавқ; *муқоб.* **поён**, **зер**: **хуҷраи болои дарвоза**, **иморати болои арк**. 2. рӯй; рӯи чизе; *муқоб.* **таг (тах)**: **болои дастархон**, **болои кат (хобидан)**, **болои миз**, **болои майсаву сабза**. 3. сар, тор, фарқи сари чизе: **болои душман бомба партофтан**, **аз болои теппаҳо гузаштан, болои қуллаҳои баландро абр пӯшондааст**. 4. баландӣ, теппа; **рӯ ба боло** рӯ ба сӯи осмон; рӯйнокӣ. 5. дар мавқеи баланд воқеъгардида (*нисбат ба дигаре*), болоӣ: **хонаи боло, деҳаи боло, боғи боло**. 6. *кит.* дароз: **қадди боло**. 7. *маҷ.* қад, қомат (*мас.*, *болобаланд, қадбаланд*). 8. баланд: **ҳавопаймо боз болотар парид**. 9. *гуфт.*, *маҷ.* тарафи болоии хона, пешгоҳ: **аз боло гузаред, ба боло марҳамат кунед**. 10. *маҷ.* марказ, ҳукумати марказӣ; идораю муассисаҳои роҳбарикунанда нисбат ба тобеъ: **аз боло фармон гирифтан (омадан); болои роҳ** сари роҳ, қадди роҳ: **ҳавлии болои роҳ; болои сар** а) тори сар; б) тарафи осмон, сӯи ҳаво; **болои ҳам // боло-болои ҳам** а) яке аз фавқи ё паси дигаре: **болои ҳам чидани қанори пахта**; б) яке аз рӯи дигар, якеро ба рӯи дигар: **чанд қабат ҷомаро боло-болои ҳам пӯшидан**; в) *маҷ.* паси ҳам, пайи ҳам; пайваста, муттасил: **боло-болои ҳам борон борид**; **аз болои**… а) аз фавқи…, аз тори…; б) аз тарафи болоии…; в) аз мавзӯи…, аз масъалаи…; г) аз ваҷҳи…, аз ҳисоби…; ғ) аз пушти…, аз паси…; д) баъд аз, баъди…, пас аз; ё) аз хусуси…, дар бораи..: **аз болои** *касе* **шикоят кардан**; **ба болои**… а) ба сари касе (*мас., худро партофтан*); б) дар назди…, дар пеши…; в) дар бораи…, дар хусуси…, аз бобати…, аз барои… (*чизе ё касе талош кардан, гапгузаронӣ кардан бо касе*); **ба (бар) болои ин** ба замми ин, илова бар ин; ғайр аз ин; **дар болои**… **// бар болои** а) дар фавқи…, дар сари… (*девор, тал, роҳрав, дарвоза*); б) дар бораи…, дар хусуси…., аз бобати…, дар атрофи…, дар мавзӯи…: **дар болои масъалае мунозира кардан, сухан дар (бар) болои** *чизе* **мерафт**, **шӯру ғавғо бар болои** *чизе* **буд**…; в) дар аснои…, ҳангоми…; **болою поён // боло-поин** а) баланду паст (*ҷунбондан*, *рафтани чизе*); б) қабати болоию поёнии бино; **аз… боло** аз… зиёд, зиёдтар аз …; **марди синнаш аз** 40 **боло**; **аз боло ба поён** аз фароз ба нишеб; **боло бардоштан** а) ба ҳаво бардоштан чизеро; б) *маҷ.* таърифи беҳад кардан; в) касеро пешбарӣ кардан ба коре; **боло гирифтан** авҷ гирифтан, ба дараҷаи аъло расидан (*мас.*, *оташ, овоз, садо*); **боло кардан (намудан)** а) бардоштан, рост кардан (-и сар, чашм, гиребони палто *ва ғ.*); барафрохтан (*байрақро*); б) барзадан (*мас.*, *остинро*); в) ба сар бардоштан, ба ҳаво бардоштан (*мас.*, *қамчинро*); **боло рафтан** а) зиёд шудан, афзудан(-и шавқ, завқ); б) авҷ гирифтан, барор гирифтани коре; **аз болои** *касе* **дарро бастан** аз берун дарро баста (занҷир карда, қулф карда) касеро банд кардан; **аз болои сар омадан (рост шудан)-и оф-**

**тоб** ба қиём расидани офтоб; **дар (ба) болои сари** *касе* **рост истодан** дар назди шахси нишаста чизеро мунтазир шуда ё талаб карда истодан; **болои дида** дар мавриди ниҳоят хушнудона қабул кардани меҳмоне гуфта мешавад; *муқ.* **нури дида, тоҷи сар**; **болои чашм** дар мавриди итоат ба фармони касе гуфта мешавад; ба чашм; **ид болои ид, тӯй болои тӯй** хурсандие тамом нашуда дигаре сар мешавад; **ба болои кор рафтан** дар айни ҷӯшу хурӯши коре ҳозир шудан (*ба ҷое*); **ба болои коре мондан** касеро ба коре вазифадор кардан; касеро роҳбари коре таъйин кардан, роҳбарии кореро ба зиммаи касе вогузоштан; **болои** *чизеро* **пӯшондан** чизеро пинҳон кардан (*мас.*, *гаперо*), аз паҳн шудан нигоҳ доштан (кореро); **ба болояш даромадан** дар айни содир шудани амале ба ҷое даромада мондан; **кор бар болои** *чизе* **омадан** расидани навбати чизе дар коре; **рӯҳи** *касеро* **боло бардоштан** табъи касеро хуш кардан, рӯҳбаланд кардан; **болои сӯхта намакоб** (*мақ.*) ба замми як мусибат омадани мусибати дигар; ба як азобу уқубати вазнин илова шудани азобу машаққати дигар.

**БОЛО** II// **БОЛОЙ** بالائی//بالا *кҳн.* аспи кутал, аспи етакӣ, ҷанибат; асп.

**БОЛОБАЛАНД** بالابلند қаддароз, қоматбаланд; мавзунқомат, хушқаду қомат.

**БОЛОБАЛАНДӢ** بالابلندی хушқадӣ, мавзунқоматӣ.

**БОЛОБАР** بالابر 1. василае барои боло бурдани масолеҳи сохтмонӣ, ки бо барқ кор мекунад. 2. лифт, осонбар. 3. абзоре дар автомобил барои болову поин кардани шиша.

**БОЛОБАРДОР** بالابردار ба боло бардоранда, ба ҷои баланд бурда расонанда (*мас.*, *кран, лифт, мошин*); ◊ **болобардор кардан** аз ҳад зиёд таърифу тавсиф кардан касеро.

**БОЛОБАРДОРӢ** بالابرداری 1. зиёд кардани қимат, баланд кардани нарх. 2. *маҷ.* таъриф, тавсиф, бардор-бардор кардан (*бештар бо мақсади хушомад*).

**БОЛОБАРОӢ** بالابرائی *исми амал аз* **боло баромадан**; баромадан ба болои чизе (*мас.*, *кӯҳ*).

**БОЛОГАРАВ** بالاگرو гарав бастани тамошобинони ягон мусобиқа дар байни худ (*мас.*, *дар бедонабозӣ ба ғайр аз гараве, ки ду бедонабозӣ ба ғайр аз гараве, ки ду бедонабоз бо ҳам бастаанд, тамошобинон ҳам аз болои бедонаҳои онон байни худ гарав мебанданд*).

**БОЛОГУЗАР** بالاگذر :**меҳмони бологузар** *гуфт.* меҳмони азиз, меҳмони боиззат.

**БОЛОДАРАҶА** بالادرجه дорои дараҷаи баланд, олидараҷа.

**БОЛОД** بالاد *кит., ниг.* **боло** II.

**БОЛОДАРӢ** بالادری тарафи болои чорчӯбаи дару дарвоза.

**БОЛОДАРОЗ** بالادراز *кит., ниг.* **болобаланд**.

**БОЛОДАСТ** بالادست *кит.* забардаст, тавоно, ғолиб, дастболо.

**БОЛОДАСТӢ** بالادستی забардастӣ, тавоноӣ; ғолибӣ, дастболоӣ.

**БОЛОДОР** بالادار дорои қади баланд, қадбаланд, баландқомат.

**БОЛОИҚУТБӢ** بالائیقطبی :**парвози болоиқутбӣ** парвоз дар фазои қутбҳои кураи Замин.

**БОЛОИҲАМ** بالاییهم рӯбарӯ, қабат-қабат.

**БОЛОӢ** I بالایی 1. воқеъ дар боло; *муқоб.* поёнӣ; **қисми болои бино**, **айвони болоӣ**, **лаби болоӣ**. 2. *мансуб ба* **боло** (марказ): **идораҳои болоӣ**, **ташкилотҳои болоӣ**.

**БОЛОӢ** II بالایی гарав, замонат (*хусусан дар қимор*).

**БОЛОЙ** بالای *ниг.* **боло** II.

**БОЛОКОРӢ** بالاکاری :**ба болокории** *гуфт.* ба замми…, илова бар.., ғайр аз…

**БОЛОКУШОД(А)** بالاکشاد(ه) рӯкушода, болонопӯшида; бешифт: **мошини болокушода, вагони болокушода**.

**БОЛОКӮЧА** بالاکوچه кӯчаи дар боло воқеъшуда.

**БОЛОН** I بالان 1. *феъли ҳол ва сифати феълии замони ҳозираи* **болидан**. 2. мутаҳаррик, ҷунбон.

**БОЛОН** II بالان *кҳн., ниг.* **долон**.

**БОЛОНИШИН** بالانشین 1. он ки дар ҷое (*маъракае, маҷлисе, нишасте*) аз ҳама боло менишинад, шахси афзалиятдошта, баргузи-

шинад, шахси афзалиятдошта, баргузида. 2. *маҷ.* садрнишин, мансабдор; ◊ **камхарҷи болонишин** чизи арзон, вале хубу хушсифат.

**БОЛОНИШИНӢ** بالانشينى 1. нисбат ба дигарон дар ҷои баландтаре нишастан. 2. *маҷ.* баланд артаба будан, болонишин будан.

**БОЛООБ** بالاآب наздик ба ҷои саршавии об, сари об: **болооби дарё**.

**БОЛОПУР** بالاپر *кҳн.* тӯпу туфанг, ки тир аз даҳони милаш бо сунба ҷой карда мешуд: **милтиқи болопур**.

**БОЛОПӮШ** بالاپوش 1. *ниг.* **болопӯшида**. 2. ҳар чизе, ки барои болоро пӯшида хобидан ба кор мебаранд; кампал: **кӯрпаи болопӯш**. 2. либоси рӯ, либосе, ки аз болои либосҳои дигар мепӯшанд (*аз қабили ҷома, палто*).

**БОЛОПӮШАК** بالاپوشک 1. сарпӯшак, сарпӯш. 2. *ниг.* **болопӯш** 2.

**БОЛОПӮШИДА** بالاپوشيده ҳар чизе, ки болояш пӯшидааст; *муқоб.* **болокушод(а)**: **долони болопӯшида**, **растаи болопӯшида**, **аробаи болопӯшида** аробаи каппанок.

**БОЛОР** بالار чӯби дарози ғафс, ки вақти пӯшонидани сақф нӯгҳояшро ба ду синҷи девор монда, ба болояш васса ё тахта мезананд.

**БОЛОРАВӢ** بالاروى 1. *исми амал аз* **боло рафтан**. 2. афзоиш, зиёд шудан; густариш; пешравӣ, тараққиёт: **болоравии худогоҳии миллӣ, болоравии шуури иҷтимоӣ: дар болоравӣ будан** дар айни авҷгирӣ ва ҷӯшу хурӯш будан.

**БОЛОРӢ** بالارى чӯби болор, чӯбе, ки барои болор истифода мешавад, рав.

**БОЛОСАНГ** بالاسنگ санги фавқонии осиё; *муқоб.* **таксанг,** зерсанг.

**БОЛОСОХТ** بالاساخت 1. ба болои чизе бино сохтан, баландтар кардани биное ё иншооте, болохона. 2. *фалс.* ҳар чизи моддӣ ё андешае, ки дар болои поя (базис) устувор мешавад.

**БОЛОХОНА** بالاخانه хонае, ки бар болои биное сохта шудааст, ошёнаи дуюм дар биноҳои дуқабата; *муқоб.* **таххона**.

**БОЛОХОНАДОР** بالاخانه‌دار 1. болохонадошта, дорои болохона: **бинои болохонадор**. 2. *маҷ.* бодабдаба, дабдабанок (*мас., номи шахс, номи идораю ташкилот ва г.*); **дашноми болохонадор** дашноми бениҳоят қабеҳу сахт; **таърифи болохонадор** таърифи аз ҳад зиёд суханпардозона; таърифу тавсифи муболиғаомез.

**БОЛСУРХ** بال سرخ дорои болҳои сурхранг.

**БОЛУ** I بالو *кит.* озах.

**БОЛУ** II بالو *кҳн.* бародаре, ки аз як падару модар таваллуд шудааст (*нисбат ба бародар ва ё хоҳари дигар*), бародари ҳамхун, бародари ҳамтан.

**БОЛУА** *а.* بالوعه чоҳи сартанг дар хона ё дар рӯи ҳавлӣ, ки дар он обҳои мустаъмал ва барзиёдро мерезанд, обрез.

**БОЛУҒ** بالغ *кҳн.* шохи дарунхолии гов ё чӯби миёнхолӣ, ки бо он шароб менӯшанд; паймонаи шароб .

**БОЛШЕВИЗМ** *р.* بالشويزم *таър.* ҷараёни марксистии инқилобии афкори сиёсии коргарии рус ва байналхалқии асри XX, ки минбаъд асоси назария ва амалияи ҳизби болшевикӣ қарор гирифтааст.

**БОЛШЕВИК** *р.* بالشويک *таър.* узви ҳизби болшевикон, тарафдори болшевизм; *ниг.* **коммунист**.

**БОЛШЕВИКӢ** بالشويکى *таър. мансуб ба* **болшевик**: **ҳизби болшевикӣ**.

**БОЛШИКАСТА** بالشکسته 1. болҳояш шикаста, аз болу пар ҷудошуда. 2. *маҷ.* ба рӯзи сахт афтода, оҷиз.

**БОМ** I بام пӯшиши бино, болои хона; тарафи берунии шифти хона: **боми пастак**, **боми тунукагӣ**, **боми хаспӯш**; **номи баланд беҳ аз боми баланд** (*зарб.*); ◊ **боми фалак** осмон; **боми ҷаҳон** *кин.* минтақаи баландкӯҳи Помир (Бадахшон); **бому дар // дару бом** *кин.* хонаю ҷой; манзил; **як бому ду ҳаво** дар мавриди дар айни як шароит ҷой доштани ду фикри мухталиф гуфта мешавад.

**БОМ** II بام *шакли кӯтоҳшудаи* **бомдод**; **аз бом то шом** аз пагоҳӣ то бегоҳӣ; тамоми рӯз.

**БОМАҒЗ** بامغز 1. хирадманд, оқил. 2. хирадмандона, оқилона, маъқул.

**БОМАДАНИЯТ** بامدنيت соҳиби маданият, бофарҳанг, маданӣ.

**БОМАДАНИЯТӢ** بامدنيتى бомаданият будан, маданиятнокӣ, бофарҳангӣ.

**БОМАЗА** بامزه дорои таъми фораму гуворо, лазиз, хуштаъм: **хӯроки бомаза**.

**БОМАЛОҲАТ** بامﻼحت малеҳ, зебо, зеборӯ, ситорагарми хушрӯ.

**БОМАНИШ** بامنش хирадманд, бобасират, некниҳод, хушманиш; дорои хислатҳои неки инсонӣ.

**БОМАНТИҚ** بامنطق мантиқдор, дорои мантиқ.

**БОМАСЛАК** بامسلک маслакдор, соҳибмаслак, соҳибтариқат, он ки роҳу равиши муайяни сиёсӣ дорад, дорои ҷаҳонбинӣ ва мафкураи муайян; *муқ*. **бемаслак**.

**БОМАСЛИҲАТ** بامصلحت аз рӯи маслиҳат, коре, ки бо маслиҳат ва мулоҳиза анҷом ёфтааст: **ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд** (*зарб*.).

**БОМАТОНАТ** بامتانت матин, суботкор, собитқадам, устувор.

**БОМАҲОРАТ** بامهارت моҳир, усто дар коре: **рассоми бомаҳорат**.

**БОМАШАҚҚАТ** بامشقّت бо азобу душворӣ, бо мушкилӣ.

**БОМАШАҚҚАТӢ** بامشقّتى вазъи бомашаққат, душворӣ кашидан.

**БОМАЪЛУМОТ** بامعلومات *ниг*. **соҳибмаълумот**.

**БОМАЪНӢ** بامعنى 1. дорои маънӣ ё мафҳуми мантиқӣ. 2. шахси бомаънӣ, боодоб, ботарбия.

**БОМАЪРИФАТ** بامعرفت соҳибмаърифат, маърифатнок; воқиф, огоҳ: **шахси бомаърифат**.

**БОМАЪРИФАТӢ** بامعرفتى маърифатнок будан, соҳибмаърифат будан.

**БОМБ** *фр*. بامب *гуфт*., *ниг*. **бомба**.

**БОМБА** *фр*. بامبه навъи лавозимоти ҷангӣ, ки бо моддаҳои тарканда, сӯзанда *ва г*. пур карда шудааст ва маъмулан аз ҳавопаймои бомбаандоз барои маҳви душман партофта мешавад: **бомбаи атомӣ**, **бомбаи оташафрӯз**, **бомбаи зиддитанкӣ**, **таркиши бомба**, **бомба партофтан**.

**БОМБААНДОЗ** بامبه‌انداز *ҳ*. ҳавопаймои махсус барои партофтани бомба: **ҳавопаймои бомбаандоз**.

**БОМБААНДОЗӢ** بامبه‌اندازى амали ҳавопаймои бомбаандоз, бомбапартоӣ.

**БОМБАБОРОН** بامبه‌باران якбора аз ҳавопаймоҳои бисёр рехтани бомба: **бомбаборон кардан**.

**БОМБАПАРТО** بامبه‌پرتا *ниг*. **бомбаандоз**.

**БОМБАПАРТОӢ** بامبه‌پرتايى *исми амал аз* **бомба партофтан**; бомбаандозӣ.

**БОМГОҲ** بامگاه *ниг*. **бомдод**.

**БОМГӮША** بامگوشه 1. гӯшаи бом, кунҷи бом; бом. 2. *маҷ*. хона: **бомгӯшаи падар**.

**БОМДОД** بامداد субҳ, пагоҳӣ; саҳар: **вақти бомдод**, **насими бомдод**, **намози бомдод**; муддати замон аз соати дувоздаҳи шаб (24) то соати дувоздаҳи рӯз; муддати замон аз ҳангоми равшан шудани ҳаво то тулӯи офтоб ва як то ду соати баъд аз он.

**БОМДОДӢ** بامدادى *мансуб ба* **бомдод**; саҳарӣ: **ситораҳои бомдодӣ**.

**БОМДОДОН** بامدادان ҳангоми бомдод, вақти саҳар, субҳгоҳон.

**БОМДОР** بامدار дорои бом, бомпӯш.

**БОМЗАД** بامزد табл ё нақорае, ки одатан ҳангоми фаро расидани субҳ навохта мешудааст.

**БОМЕҲР** بامهر бо муҳаббат, бо меҳрубонӣ.

**БОМКӮБА(К)** بام‌کوبه//بام‌کوبک асбоби шабеҳи ӯғурдаста, ки бо он хоку гили бомро зада, сахту ҳамвор мекунанд.

**БОМПӮШ** بام‌پوش он ки бо корҳои пӯшонидани бомҳо машғул аст: **устои бомпӯш**. 2. пӯшише, ки аз он барои пӯшонидани болои хонаҳо, чашмаҳо, чоҳҳо истифода мешавад.

**БОМПӮШӢ** بام‌پوشى кор ва амали бомпӯш;

**БОМУВАФФАҚИЯТ** باموفقيت ба таври муваф-

фаҷиятнок, бобарор: **анҷоми бомуваффаҷияти кор**.

**БОМУЗД** بامزد музднок, пулакӣ: **кори бомузд**.

**БОМУЛОҲИЗА** باملاحظه 1. мулоҳизакор, эҳтиёткор; дурандеш: **одами бомулоҳиза**. 2. мулоҳизакорона, эҳтиёткорона; дурандешона: **ҷавоби бомулоҳиза**.

**БОМУЛОҲИЗАГӢ** باملاحظگی мулоҳизакорӣ, эҳтиёткорӣ, дурандешӣ.

**БОМУҲАББАТ** بامحبّت меҳрубону самимӣ ва дӯстдори дигарон, бомеҳр.

**БОМЧА** بامچه *шакли тасғири* **бом**: **боми хурду пастак**.

**БОН** I بان дарахти мавзуне, ки баргҳои нозуку хушбӯй дорад ва аз донаҳои пистамонанди он равғани хушбӯй мегиранд, ҳуббулбон.

**БОН** II بان *ҷузъи пасини баъзе аз калимаҳои мураккаб ба маъноҳои* нигаҳбон, ҳифзкунанда, доранда, варзанда: **боғбон**, **шутурбон**, **нигаҳбон**, **сарҳадбон**, **посбон**, **меҳрубон**.

**БОНАВО** بانوا он ки хӯроку пӯшок ва дигар чизҳои барои зиндагӣ зарурро дорад, тавонгар, давлатманд, некӯаҳвол; *муқоб.* **бенаво**.

**БОНАЗОКАТ** بانزاکت хушмуомила, боодоб; зариф, нозуктабъ; **рафтори бonазокат** рафтори нарму боодобона.

**БОНАЗОКАТӢ** بانزاکتی хушмуомилагӣ, боодобӣ; зарифӣ, нозуктабъӣ; *муқоб.* **беназокатӣ**.

**БОНАФОСАТ** بانفاست нафосатдошта, нафис, нозуку латиф.

**БОНГ** بانگ 1. овози баланд, фарёд. 2. садои ҷеғи ҳайвонот: **бонги хурӯс**; **бонги намоз** даъват ба намоз, азон; **бонги нӯш** садои «бинӯш» ҳангоми шаробнӯшӣ, «нӯш бод!» гуфтан; **бонги хатар** садои баланди дурударози огоҳкунанда аз ягон хатар: **бонги хатар задан**; **бонг задан** а) фарёд кардан, дод задан, бо овози баланд гап задан бо касе, ҷеғ задан; б) наъра кашидан, аррос кардан.

**БОНЕЪМАТ** بانعمت соҳибнеъмат, давлатманд.

**БОНИЗОМ** بانظام дорои тартибу низом, ботартиб, тартибнок.

**БОНИШОТ** بانشاط зиндадил, шодмон, хурсанд, масрур.

**БОНӢ** I بانی бинокунанда, созанда; бунёдгузор.

**БОНӢ** II بانی 1. нигоҳубинкунанда, парастор. 2. посбон, муҳофиз; **бонӣ кардан** а) нигоҳубин кардан, парасторӣ намудан; б) муҳофизат намудан, посбонӣ кардан (*мас., ватанро*).

**БОНК** بانک 1. муассисаи молию иқтисодии махсусест, ки муомилаҳои мухталифи пулӣ ба воситаи он иҷро мешавад: **бонки давлатӣ**, **бонки миллӣ, бонки тиҷоратӣ**. 2. биное, ки дар он ин муассиса ҷойгир шудааст.

**БОНКА** بانکه *гуфт.*, *ниг.* **банка**.

**БОНКДОР** بانکدار соҳиб ё саҳмдори асосии бонк.

**БОНКДОРӢ** بانکداری фаъолият барои идора кардани бонкҳо ё ҳар чизе, ки ба бонк иртибот дорад: **риштаи бонкдорӣ**, **корманди бонкдорӣ**.

**БОНКӢ** بانکی *марбут ба* **бонк**; дорои эътибор дар бонк: **чеки бонкӣ**; **ҳисоби бонкӣ**.

**БОНУ** بانو 1. соҳибхоназан, соҳибихтиёри хона. 2. хонум, бегим: **дар хона ҳафт бону, хокаш то ба зону** (*зарб.*).

**БОНУФУЗ** بانفوذ вазну таъсирдошта, он ки ҳукму гапаш гузаранда аст, эътиборнок, обрӯманд: **шахси бонуфуз**, **созмони бонуфуз**.

**БООБРӮ(Й)** (باآبرو(ی *ниг.* **баобрӯ(й)**.

**БООДОБ** باآداب адабомӯхта, тарбиядида; хушхулқ: **духтари боодоб**, **ҷавони боодоб**.

**БООДОБӢ** باآدابی боодоб будан, тарбиядидагӣ; хушхулқӣ, хушмуомилагӣ.

**БООДОБОНА** باآدابانه аз рӯи одоб, ба таври хушхулқӣ.

**бор** بار 1. *асоси замони ҳозира аз* **боридан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънии* боранда, резанда, пошанда *ва маънои* зиёдии чизе: **мушкбор**, **нурбор**, **ашкбор**, **рӯдбор**, **дарёбор**, **ҷӯйбор** *ва г.*

**БОР** I بار 1. он чи ба дӯш ё пушти инсон, чорпо ё болои мошин ниҳода, аз ҷое ба ҷое мебаранд; моли кашондашаванда; чизу чораи басташуда барои ҳамлу нақл; **бори каҷ ба манзил намерасад** (*зарб.*); **гапи бисёр ба ҳар бор** (*зарб.*). 2. вазнинӣ, гаронӣ; **бори рӯзгор //**

**бори зиндагӣ** ташвиш ва корҳои рӯзмараи оила. 3. ҳамли занон, бачае, ки дар батни модар аст, ҷанин. 4. *маҷ.* чизи барзиёд, чизи нодаркор; **бори гарон // бори вазнин** а) чизи сарзиёду номатлуб, дарди сар; б) *маҷ.* хизмати вазнину пурмашаққат, ташвиши рӯзгор; **бор кардан** чизеро ба болои нақлиёт, чорпо ё пушти касе гузоштан (*барои бурдан ба ҷое*); **бор кашондан // бор кашидан** чизеро нақл кардан, аз ҷое ба ҷое бурдан (овардан); **бор фуровардан // бор холӣ кардан** чизеро аз болои нақлиёт ё аспу хар гирифта, ба поён гузоштан; ◊ **бори зиёдатӣ // бори барзиёд** чизи нодаркор; ташвиши беҳуда, дарди сар; **бори наков** а) чизҳои шишагӣ, чинивор ва зарфҳои сафолӣ, ки беҷо даст расонида шавад, мешикананд; б) *маҷ.* шахсе, ки ба ӯ гап занед ё кордор шавед, ягон зарар мебинед, шахсе, ки ба андак гап шӯрида, оташин мешавад; **бору буна // бору буд** тамоми чизу чора, ҳамаи доройӣ; **кору бор** машғулият, шуғл, фаъолият, корҳои гуногун; **бор (бар)бастан** омодаи сафар шудан, ба рафтан тайёрӣ дидан; рафтан; **бор кушодан ба ҷое** *маҷ.* ҷоеро манзил қарор додан, ҷо гирифтан дар маконе; **ба гардани** *касе* **бор кардан** иҷрои кореро ба зиммаи касе гузоштан, касеро ба иҷрои коре вазифадор кардан; **ба гардани** *касе* **бор шудани** *чизе* **ё** *коре* ба зиммаи касе афтодани иҷрои коре ё масъулияти чизе; **бори** *касеро* **бардоштан** корҳои мушкили касеро иҷро кардан; аз барои касе азобу машаққат кашидан; **бори худро ба гардани** *касе* **андохтан (партофтан)** ташвиши худро ба сари дигарон партофтан; таъминоти рӯзмарраи худро ба ӯҳдаи касе гузоштан; **дар зери бори таъна (сарзаниш) мондан** мавриди таъна (сарзаниш) қарор гирифтан.

**БОР** II بار бар, мева, самар, ҳосили дарахт; **бор овардан // бор додан** а) мева додан, ҳосил кардан; б) натиҷа бахшидан, **ба бор омадан** ҳосил бастан, ба ҳосил даромадан.

**БОР** III بار дафъа, карат, мартаба: **аввалин бор**, **чанд бор; боре** а) як дафъа, як бор; б) рӯзе, замоне; **борҳо** якчанд дафъа, чандин бор; **бори дигар** дафъаи дигар, боз, минбаъд; **ягон бор** ҳеҷ гоҳ, ҳеҷ, ҳаргиз; **як бор - ним бор** гоҳо, баъзан.

**БОР** IV بار *кит.* рухсат, иҷозат барои даромадан ба ҷое; **бор додан** касеро пазирой кардан, роҳ додан, **бор ёфтан** иҷозати дохилшавӣ гирифтан; ба ҳузури касе (*мас.*, *шоҳ*) расидан.

**БОР** V *лот.* بار *хим.* унсури химиявии душворгудоз, ки аз ҷиҳати сахтӣ ба алмос наздик аст.

**БОРА** I باره бобат, хусус; **дар бораи**… дар хусуси…, дар ҳаққи…, дар бобати…, вобаста ба…, марбут ба…; **дар ин бора** дар ин хусус, дар ин бобат, аз ин хусус.

**БОРА** II باره дафъа, карат (**бора** *ба ин маънӣ бештар ба адад ҳамроҳ меояд*: **якбора**, **дубора, себора**).

**БОРА** III باره *кит.* асп, фарас.

**БОРА** IV باره *кит.* девори қалъа, ҳисор; хоктеппаи баланд дар гирдогирди шаҳр, бору.

**БОРАГӢ** بارگی *ниг.* **бора** III.

**БОРАҒБАТ** بارغبت рағбатнок, рағбатдошта, роғиб.

**БОРАК** *а.* بارک *кит.* кӯтоҳшудаи **боракаллоҳ**.

**БОРАКАЛЛОҲ** *а.* بارک‌الله *нидо* Худо ба ту баракат диҳад!, офарин!, аҳсант!

**БОРАНДА** بارنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **боридан**. 2. он чи меборад.

**БОРАНДАГӢ** بارندگی боридани барфу борон ё жола, бориш.

**БОРАНДОЗ** بارانداز ҷое дар соҳил ё бандар, ки киштиҳо бори худро рӯи он мефуроранд; **борандоз кардан** ист кардан, таваққуф кардан, манзил гирифтан.

**БОРАНДОЗӢ** باراندازی 1. борфурорӣ. 2. ҷой ва маҳалли исти киштӣ барои борфурорӣ.

**БОРАФКАНӢ** بارافکنی *кит.* вазъи ҳамл, зоидан, омадани вақт ва замони зоидан.

**БОРАФТИДА** بارافتیده 1. чорпое, ки бораш афтида бошад; 2. соҳиби бор, ки бораш афтода бошад; 3. он ки дар зиндагӣ ба душворӣ афтида бошад, зиёндида.

**БОРАҲМ** بارحم *ниг.* **раҳмдил**.

**БОРАШК** باراشک рашкнок, рашкбаранда; ғаюр; *муқ.* **бадрашк**.

**БОРБАНД** باربند 1. он ки бо бастану ҷой кардани чизҳои кашондашаванда машғул аст. 2. банд барои баста аз ҷое ба ҷое бурдани кӯрпаю ҷома ва дигар борҳо.

**БОРБАНДАК** باربندک *ниг.* **борбанд** 2.

**БОРБАНДӢ** باربندی 1. *исми амал аз* **бор бастан**; бор печондан. 2. амали **борбанд** 1.

**БОРБАР** باربر барандаи бор, боркаш: **хари борбар**.

**БОРБАРДОР** باربردار 1. бардорандаи бор: **крани борбардор**, **ғарғараи борбардор**, **олати борбардор**. 2. боркаш: **аспи борбардор**. 3. ҳаммол, бардорандаи бор. 4. *маҷ.* бурдбор, пуртоқат.

**БОРБАРДОРӢ** باربرداری 1. бардоштани бор; болою поён бурдани бор: **қобилияти борбардорӣ, қувваи борбардорӣ**. 2. ҳаммолӣ. 3. иқтидори бардоштану кашондани бор.

**БОРВАР** بارور *ниг.* **боровар**.

**БОРВАРӢ** باروری тавоноии мавҷуди зинда барои тавлиди насл; суддиҳӣ, фоидадиҳӣ.

**БОРВАРСОЗӢ** بارورسازی 1. бо роҳи гардафшонӣ борвар кардани дарахтон. 2. бордор кардани ҷонварон бо роҳи маснӯӣ. 3. амали ҳосилхез кардани замин бо роҳи пошидани доруву поруву нуриҳои маъданӣ.

**БОРВОР** باروار ба мисли бори пуштора кардашуда, монанди бор.

**БОРГАҲ** بارگه *ниг.* **боргоҳ**.

**БОРГИН** بارگین *кит.* 1. обгир, кӯл, ҳавз, ки дар миёни шаҳр ё деҳ ҷойгир аст. 2. обпартоби ҳаммом ва ошхона.

**БОРГИР** بارگیر 1. гирандаи бор. 2. ҳайвони боркаш ва саворӣ ҳамчун асп, шутур *ва г.*

**БОРГИРАНДА** بارگیرنده гирандаи бор, он ки борро қабул мекунад (*мас.*, *барои ҳамл ба ҷое*).

**БОРГИРӢ** بارگیری гирифтани бор барои кашондан, қабули молу чизи кашондашаванда.

**БОРГОҲ** بارگاه 1. *кит.* қабулгоҳи подшоҳон ва амирон; қаср ё хаймаи махсуси подшоҳон. 2. қаср, кох: **боргоҳи илму маданият**.

**БОРГУЗОРӢ** بارگذاری бор гузоштан, таъйин ва муайян кардани вазни ба бино ё сохтмон боршуда, вазни умумии бино ё иншоот.

**БОРДЕҲ** بارده бордиҳанда, мевадиҳанда, ҳосилдиҳанда.

**БОРДИҲӢ** باردهی бороварӣ, ҳосилдиҳӣ.

**БОРДОН** باردان 1. хӯрҷин, ҷувол; сабад барои меваи хушк; халтача, сабадча *ва г.,* ки чизҳои харидашударо ба он мегузоранд, ҷогаҳ. 2. ҷои махсус дар нақлиёт барои гузоштани бори мусофирон.

**БОРДОР** باردار 1. он ки бо худ бор дорад; ҳомил, бор кардашуда: **мошини бордор**, **уштури бордор**. 2. ҳомила, обистан; **бордор кардан (намудан)** а) обистан кардан; б) гарди наринаи гулро ба модина гузоштан, ҳосилдор кардан; **бордор шудан** ҳомила шудан.

**БОРДОРӢ** بارداری обистанӣ, ҳомиладорӣ, ҳосилдорӣ.

**БОРЕША** باریشه 1. дорои реша. 2. *маҷ.* соҳиби хонаводаи маъруфу машҳур, боаслу насаб.

**БОРЕЪ** *а.* بارع *кит.* некӯ, писандида, фоиқ; дар фазилат ё ҷамол бартарӣ дошта.

**БОРЁБ** باریاب *кит.* ба қабули касе мушаррафшаванда, ҳузурёбанда.

**БОРИД** *а.* بارد *кит.* 1. хунук, сард. 2. хунуктабиат, дорои мизоҷи сард.

**БОРИДАН** باریدن 1. фурӯ рехтан, фуруд омадани қатраҳои борон, барф *ва г.* аз абр. 2. рехтан, рехта шудан: **ашк боридан**; **тир боридан** пайи ҳам ва беист рехтан ё андохта шудани тир. 3. пошидан, афкандан; шӯълапошӣ кардан (-и нур, зиё, рӯшноӣ); ◊ **нур боридан аз рӯи** *касе* нуронӣ будан, рӯи базеб доштан; аз зоҳири касе аён шуда истодани хислати неки ӯ; **оташ боридан аз чашми** *касе* барқ задани чашми касе аз шиддати хашму ғазаб, мастӣ *ва г.*; **санги маломат боридан ба сари** *касе* мавриди маломату сарзаниши зиёд воқеъ гаштани касе; **(аз осмон) санг борад ҳам**… бо вуҷуди ниҳоят бад будани обу ҳаво, сарфи назар аз номусоидии обу ҳаво; дар ҳар сурат.

**БОРИЗ** *а.* بارز *кит.* 1. ошкор, намоён. 2. бурузкунанда, зоҳиршаванда, пайдошаванда.

**БОРИК** باریک 1. камбар, танг; *муқоб.* **сербар**: **пайраҳаи борик**, **пули борик**, **ҷӯи борик**. 2. камқутр; *муқоб.* **ғафс**: **ангушти борик**, **миёни**

**борик**, **ресмони борик**, **сими борик**; **абрӯвони борик** абрӯвони нозуку базеб; **лабони борик** лабони тунук. 3. *маҷ.* дақиқ, нозук, мушкилфаҳм (*оид ба* нукта ё сухан); **то нуктаҳои борик** *маҷ.* то ҳамаи ҷузъиёт, муфассалан, то хурдтарин масъалаҳо. 4. лоғар, хароб; *муқоб.* **фарбеҳ**: **марди борику дароз**; **борик шудан (гардидан)** лоғар гаштан, хушку хароб шудан. 5. баланд, тез (*оид ба* овоз).

**БОРИКАНДЕШ** باریک‌اندیش дақиқназару нозукбин.

**БОРИКАНДЕШӢ** باریک‌اندیشی дақиқназарӣ, нозукбинӣ, андешаву тафаккур кардан дар бораи ҷузъиёт.

**БОРИКАНДОМ** باریک‌اندام дорои андоми борику лоғар.

**БОРИКБАДАН** باریک‌بدن лоғарбадан, лоғарандом, нозукбадан.

**БОРИКБИН** باریک‌بین нуктасанҷ, дақиқназар; зирак, ҳушёр.

**БОРИКБИНӢ** I باریک‌بینی он ки биниаш камбари нӯгтез аст, биниборик.

**БОРИКБИНӢ** II باریک‌بینی нуктасанҷӣ, дақиқназарӣ.

**БОРИКГИР** باریک‌گیر сахтгир, хурдагир.

**БОРИКӢ** باریکی борик будан.

**БОРИКМИЁН** باریک‌میان камарборик, дорои камари борик, химчамиён.

**БОРИКСАНҶ** باریک‌سنج *ниг.* **борикбин**.

**БОРИКХАЁЛ** باریک‌خیال нозукхаёл, нуктасанҷ, мӯшикоф.

**БОРИҚ** *а.* بارق *кит.* барқзананда, дурахшанда, тобон.

**БОРИҚА** *а.* بارقه *муаннаси* **бориқ**; тобиш, дурахш.

**БОРИШ** بارش 1. *исми амал аз* **боридан**. 2. борон, барф: **дар вақти бориш**, **бориш сар шуд**, **дар зери боду бориш**.

**БОРИШНОК** بارشناک борондор, боранда; боронӣ: **боришнок будан**.

**БОРИШОТ** بارشات *обҳш.* боронгарӣ, барфу борон, бориш: **боришоти солона**.

**БОРӢ** *а.* باری офаринанда, холиқ (*аз номҳои Худованд*).

**БОРӢ-ТАОЛО** *а.* باری‌تعالی *кит.* Худои мутаол.

**БОРКАШ** بارکش 1. кашонандаи бор, борбар: **автомобили боркаш**, **қатораи боркаш**, **киштии боркаш**, **хари боркаш**. 2. коргари борбардор дар фурӯдгоҳу саристгоҳи роҳи оҳан, ҳаммол.

**БОРКАШӢ** بارکشی *ниг.* **боркашонӣ**; **олати боркашӣ** олати кашондани бор.

**БОРКАШОН** بارکشان *ниг.* **боркаш**.

**БОРКАШОНӢ** بارکشانی *исми амал аз* **бор кашондан**; кашондани бор аз ҷое ба ҷое, бурдану овардани бор, ҳамлу нақли бор.

**БОРКУНАК** بارکنک *гуфт.* олати механикии бор кардану бор фуровардан: **боркунаки худкор**.

**БОРКУНАНДА** بارکننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **бор кардан**; **мошини боркунанда** мошини махсус барои ба нақлиёт бор кардани амвол.

**БОРМОНАК** بارمانک ҷои махсус дар мошин, мотосикл ва ё велосипед барои гузоштани чизҳои майда-чӯйда; бордон.

**БОРНОМА** I بارنامه 1. *кҳн.* рухсатнома барои бор ёфтан ба ҳузури шоҳу амирон. 2. *маҷ.* воситаи тафохур, асбоби ҳашамат ва бузургӣ.

**БОРНОМА** II بارنامه ҳуҷҷате, ки дар он навъи моли аз ҷое ба ҷои дигар фиристодашаванда, вазн ва миқдори он қайд шудааст, борхат.

**БОРОВАР** بارآور мевадор, босамар; ҳосилдиҳанда: **боровар шудан**.

**БОРОВАРӢ** بارآوری амал ва қобилияти ҳосил додан, самароварӣ, босамарӣ.

**БОРОН** باران 1. қатраҳои об, ки аз абр фурӯ мерезанд: **борони майда**, **борони найсон**, **борони аввали баҳор**. 2. *маҷ.* бисёрӣ, зиёдӣ, афзунӣ (-и чизе): **борони савол**, **борони тир**, **борони ғам**; ◊ **аз борон гурехта**, **ба новдон дучор гардидан** аз як азобу уқубат ё балову нохушӣ раҳоӣ ёфта, ба дигари бадтар аз он гирифтор шудан; **ба зери борони** *чизе* **мондан** ба чизе дучор шудан (*мас.*, *ҳақорат, маломат*); **аз қавоқаш барфу борон меборад** а) хеле туршрӯ аст, сахт хиратабъ аст; б) ниҳоят

хиратабъ аст; б) ниҳоят хашмгин аст, хеле бадқаҳр аст.

**БОРОНАК** بارانک *шакли тасғири* **борон**; 1. борони қатраҳояш майда, ки бардавом ва ором меборад, резаборон. 2. гиёҳи дорои соқи хордор, шохаҳои ба ранги бунафш, меваи хӯрданбоб, ки дар дорусозӣ истифода мешавад.

**БОРОНГАРӢ** بارانگری 1. мавсими бориш. 2. боришҳо, боришот; рӯзҳои **боронгарӣ** рӯзҳои серборон.

**БОРОНГИР** بارانگیر баромадагии пеши бино, ки асосан барои нарасидани борон сохта мешавад; собот.

**БОРОНГУЗАР** بارانگذر борону намиро аз худ гузаронанда: **матои боронгузар**.

**БОРОНДИДА** باراندیده *сифати феълии замони гузашта аз* **борон дидан**; ◊ **гурги борондида** а) неку бади рӯзгорро чашида, ботаҷриба, пухта; б) маккор, ҳилагар.

**БОРОНЗО** بارانزا хусусияти абре, ки метавонад борон биёрад, абри сиёҳи боронӣ, абри борон.

**БОРОНИДАН** بارانیدن *тарзи бавоситаи* **боридан**; **оташ боронидан** аз ҳар тараф ва пайи ҳам тир андохтан, тирборон кардан.

**БОРОНӢ** بارانی 1. ҷомаи сабуки боронногузар, ки дар рӯзҳои борон мепӯшанд. 2. боронбор, бороновар, борандаи борон: **абрҳои боронӣ, ҳавои боронӣ; кирми боронӣ** кирми сурхчаранге, ки ҳангоми борон пайдо мешавад.

**БОРОННОГУЗАР** باراناگذر намиро нагузаронанда, тарию намиро ба худ нагиранда.

**БОРОНРАСИДА** بارانرسیده дар зери борон монда, таршуда.

**БОРОНСАНҶ** بارانسنج *обҳш.* асбоб барои ба ҳисоб гирифтани миқдори бороне, ки дар муддати муайян боридааст.

**БОРОНСАНҶӢ** بارانسنجی андозагирии миқдори бориши борон дар як муддати муайян дар як минтақаи мушаххас.

**БОРОНХӮРДА** بارانخورده *ниг.* **борондида**.

**БОРСАНҶ** بارسنج *р.оҳ.* тарозу(ҳо)и махсус, ки вазни бори вагон ё автомобилҳоро муайян мекунад.

**БОРСОЛОР** بارسالار *таър.* 1. соҳиби бор, хӯҷаини бор дар корвонҳо. 2. он ки дар дарборҳои подшоҳон корҳои ташрифиро бар ӯҳда дошт; раиси боргоҳ.

**БОРТ** *олм.* بارت девораи паҳлӯии киштӣ; девораи кузови автомобили боркаш.

**БОРТМЕХАНИК** *олм.* بارتمیخنیک яке аз сарнишинони ҳавопаймо, ки иҷрокунандаи корҳои механикии ҳавопаймост.

**БОРТРАДИСТ** *олм.* بارترديست яке аз сарнишинони ҳавопаймо, ки масъули алоқаи радиоии ҳавопаймо мебошад.

**БОРУ** بارو *ниг.* **бора IV**.

**БОРУБУНА** باروبنه молу манол, сарват, амвол.

**БОРУТ** باروت моддаи тарканда, ки барои тайёр кардани тиру гулӯла ва мушакҳо ба кор меравад, доруи милтиқ.

**БОРУТДОН** باروتدان халта ё зарфи махсус барои нигоҳ доштани борут.

**БОРУТӢ** باروتی *мансуб ба* **борут**.

**БОРУТКӮБ** باروتکوب он ки кораш кӯбидани борут аст.

**БОРУТКӮБӢ** باروتکوبی 1. кӯбидан ва омода кардани борут барои истифода. 2. коргоҳ ё корхонаи кӯбидани борут.

**БОРУТСОЗ** باروتساز шахсе, ки шуғлу кори ӯ тахия ва сохтани борут аст.

**БОРУТСОЗӢ** باروتسازی 1. амал ва шуғли борутсоз. 2. ҷое, ки дар он борут тахия мешавад: **корхонаи борутсозӣ**.

**БОРУТХОНА** باروتخانه ҷои нигоҳ доштани борут, анбори борут.

**БОРФИРИСТАНДА** بارفرستنده шахсе, ки бореро ба почта ё ба муассисаи нақлиётӣ барои равон кардан ба ҷое месупорад, фиристонандаи бор.

**БОРФИРИСТОНАНДА** بارفرستاننده *ниг.* **борфиристанда**.

**БОРФИРИСТОНӢ** بارفرستانی *исми амал аз* **бор фиристондан**; амали борфиристонанда.

**БОРФУРОР** بارفرار фурорандаи бор; он ки ба холӣ кардани бори чизе машғул аст.

**БОРФУРОРӢ** بارفراری фуровардан ё холӣ кардани бори чизе; **шӯъбаи боркунию борфурорӣ** шӯъбаи холӣ кардану бор кардани вагонҳо дар истгоҳҳои роҳи оҳан.

**БОРФУРӮШӢ** بارفروشی 1. амал ва шуғли касе, ки бор мефурӯшад. 2. ҷое, ки дар он ҷо меваҷот ва сабзиҷот фурӯхта мешавад.

**БОРХАЛТА** بارخلته халтаи махсус барои баста пуштора кардани чизу чора дар сафару саёҳат; кӯлбор.

**БОРХАТ** بارخط *ниг.* **борнома**.

**БОРХЕЗ** بارخیز шохаҳои мевадиҳандаи дарахт.

**БОРХЕЗӢ** بارخیزی қобилияти мевадиҳии дарахт.

**БОРХОНА** بارخانه ҷои нигоҳ доштани борҳо, бағоҷҳо; анбори маҳсулоти тайёр (*дар корхонаҳо*): **бор дар борхона азиз** (*зарб.*).

**БОРХОҲ** بارخواه *кит.* дархосткунандаи иҷозаи вуруд (*махсусан ба даргоҳи шоҳон*).

**БОРХУДО** بارخدا *кит.* 1. Худо. 2. подшоҳи бузург.

**БОРҶОМА** بارجامه маводи борпечонӣ ва борбандӣ; ҷувол; хӯрҷин.

**БОСАБОТ** باثبات суботкор, устувор, матин.

**БОСАБОТӢ** باثباتی суботкорӣ, устуворӣ, матонат.

**БОСАБР** باصبر пуртоқат, шикебанда, бурдбор, собир.

**БОСАБРӢ** باصبری пуртоқатӣ, шикебандагӣ, бурдборӣ, собирӣ.

**БОСАБРОНА** باصبرانه собирона, пуртоқатона, бурдборона: **босаброна гӯш андохтан**, **босаброна шунидан**.

**БОСАВЛАТ** باصولت 1. боҳайбат, салобатнок; бошукӯҳ; сатанг: **марди босавлат**, **ҷавони босавлат**. 2. босавлатона, босалобатона; мутаккаббирона: **босавлат нишастан**, **босавлат роҳ рафтан**.

**БОСАВОД** باسواد дорои хату савод, саводнок; касе, ки саводаш пухта ва пурра аст: **муаллими босавод**.

**БОСАВОДӢ** باسوادی соҳиби хату савод будан, саводнокӣ.

**БОСАВОДОНА** باسوادانه тавре ки ба шахси саводнок мебояд, саводнокона: **босаводона навиштан**, **босаводона тартиб додан**, **босаводона хондан** *чизеро*.

**БОСАДОҚАТ** باصداقت 1. садоқатманд, содиқ, вафодор. 2. содиқона, сидқан, аз таҳти дил: **босадоқат меҳнат кардан**.

**БОСАЛИҚА** باسلیقه 1. соҳибзавқ, хушсалиқа. 2. ба тарзи писандида, хушоянд.

**БОСАЛОБАТ** باصلابت *ниг.* **босавлат** 1.

**БОСАЛОБАТӢ** باصلابتی босалобат будан; салобатнокӣ, савлат доштан.

**БОСАМАР//БОСАМАРА** باثمر//باثمره 1. меваҷдор, борвар; ҳосилдиҳанда: **дарахти босамар**. 2. самарабахш; пурмаҳсул.

**БОСАОДАТ** باسعادت саодатманд, хушбахт: **ҷавони босаодат**, **халқи босаодат**.

**БОСАОДАТӢ** باسعادتی саодатмандӣ, хушбахтӣ.

**БОСАРВАТ** باثروت *ниг.* **сарватманд**.

**БОСАРИШТА** باسرشته сариштакор; сарфакор.

**БОСАРИШТАГӢ** باسرشتگی сариштакорӣ; сарфакорӣ.

**БОСАРФА** باصرفه сарфакор, сарфаҷӯ.

**БОСАФО** باصفا 1. соф, пок; равшан; беғаш, беғубор. 2. сафобахш; хуррамибахш, ҳаловатбахш, фараҳбахш: **даврони босафо, зиндагии босафо**, **манзараи босафо**, **рӯзи босафо**, **субҳи босафо**.

**БОСАХО** باسخا *ниг.* **босаховат**.

**БОСАХОВАТ** باسخاوت сахӣ, саховатпеша, дасткушод: **замини босаховат**, **марди босаховат**.

**БОСИЁСАТ** باسیاست *ниг.* **сиёсатмадор**.

**БОСИҚ** *а.* باسق дароз ва баланд.

**БОСИР** *а.* باصر *кит.* бинанда, бино.

**БОСИРА** *а.* باصره қувваи биниш, биноӣ: **қувваи босира**.

**БОСИФАТ** باصفت сифатнок; хушсифат: **маҳсулоти босифат**, **босифат иҷро шудани коре**.

**БОСҚОҚ** *т.-м.* باسقاق *таър.* 1. маъмури андоз дар давраи ҳукмронии муғулҳо. 2. волӣ, ҳукуматдори ҳамин давра.

**БОСҚОН** *т.* باسقان *тех.* болғаи калону вазнин барои шикастани санг *ва г.*

**БОСЛИҚ** *ю.* باسليق *кит.*, *биол.* шоҳраги даст, ки аз он хун мегиранд.

**БОСМА** باسمه матои аз пашми дағал ба воситаи кӯфтану задан (*ғайри бофтан*) тайёр кардашуда, матои намадӣ: **чакмани босма**.

**БОСМАЧИГАРӢ** باسمچيگرى *ниг.* **босмачигӣ**.

**БОСМАЧИГӢ** باسمچيگى *таър.*, *с.* ҳаракати аксулинқилобӣ ва озодихоҳона, ки дар солҳои аввали баъди ғалабаи Инқилоби Октябр дар Осиёи Миёна бо ташаббуси амалдорони сохти амирӣ ва рӯҳониён барои мубоhelp мусаллаҳона бурдан бар зидди Ҳокимияти Шӯравӣ ба вуҷуд омада буд.

**БОСМАЧӢ** باسمچى 1. *таър., с.* он ки дар ҳаракати босмачигӣ иштирок кардааст.

**БОСТОН** باستان қадим, гузаштаи дур.

**БОСТОНГАРОӢ** باستانگرايى эҳё ва аз нав зинда кардан ва истифода бурдани расму анъана ва вожагони қадим.

**БОСТОНӢ** باستانى қадимӣ, қадима, дерина; дорои таърихи қадимӣ: **сарзамини бостонӣ**.

**БОСТОНШИНОС** باستانشناس таърихшиносе, ки ба омӯхтани таърихи қадим машғул аст; археолог.

**БОСТОНШИНОСӢ** باستانشناسى 1. илмест, ки тарзи зиндагонӣ, урфу одат ва маданияти қадимро аз рӯи осори маданияти моддӣ меомӯзад, археология. 2. *мансуб ба* **илми бостоншиносӣ**, археологӣ: **ковишҳои бостоншиносӣ**.

**БОСТУРМА** *т.* باسترمه *лаҳҷ.* ҷои махсуси мисли хавозаи ток, ки рӯи он алафу ҳезум мечинанд, собот.

**БОСУБОТ** باثبات *гуфт.*, *ниг.* **босабот**.

**БОСУБОТӢ** باثباتى *гуфт.* **босаботӣ**.

**БОСУР** *а.* باسور *ниг.* **бавосир**.

**БОСУРЪАТ** باسرعت суръатнок, бошитоб, тез, зуд; бошиддат: **ҷараёни босуръати об (дарё)**, **босуръат тохтан**, **босуръат пеш рафтани коре**.

**БОТААҶҶУБ** باتعجّب тааҷҷубомез, боҳайрат.

**БОТАДБИР** باتدبير 1. он ки тадбиру илоҷи ҳалли ҳар масъала ё корро медонад, чорасоз; кордон. 2. соҳибмаслиҳат; пурдон, оқил; **на ҳар кас, ки пир аст, ботадбир аст** (*мақ.*).

**БОТАДБИРӢ** باتدبيرى 1. ботадбир будан; чорасоз будан. 2. соҳибмаслиҳатӣ: **хирадмандию ботадбирӣ**.

**БОТАДРИҶ** باتدريج оҳиста-оҳиста, тадриҷан.

**БОТАКАЛЛУФ** باتكلف 1. пуртакаллуф, сертакаллуф; иззатталаб. 2. пуртакаллуфона, иззатталабона; **муносибаташ ботакаллуф буд** муносибаташ пуртакаллуфона буд **дастархонаш хеле ботакаллуф буд** дастархонаш хеле пурнозу неъмат ва ороста буд.

**БОТАКАЛЛУФӢ** باتكلفى ботакаллуф будан; пуртакаллуфӣ; *муқоб.* **бетакаллуфӣ**.

**БОТАКАЛЛУФОНА** باتكلفانه *ниг.* **ботакаллуф** 2.

**БОТАЛОТУМ** باتلاطم *ниг.* **пурталотум**.

**БОТАМИЗ** باتميز он ки фарқи неку бадро мефаҳмад; боақл, бофаросат; *муқоб.* **бетамиз**: **ҷавони ботамиз**.

**БОТАМИЗӢ** باتميزى ботамиз будан, бофаросатӣ; *муқоб.* **бетамизӣ**.

**БОТАМКИН** باتمكين 1. бурдбор, вазнин, бовиқор. 2. ба оромӣ; вазнинона, бовиқорона.

**БОТАМКИНӢ** باتمكينى 1. бурдборӣ, вазнинӣ, бовиқорӣ. 2. оромӣ, хунсардӣ.

**БОТАМКИНОНА** باتمكينانه 1. бурдборона, вазнинона; бовиқорона. 2. хунсардона; оромона.

**БОТАНИК** *ю.* باتنيک мутахассис ва олими ботаника, гиёҳшинос.

**БОТАНИКА** *ю.* باتنيکه илмест, ки масъалаҳои инкишоф, афзоишу густариш ва таснифоти растаниҳоро меомӯзад, набототшиносӣ, гиёҳшиносӣ.

**БОТАНИКӢ** باتنيکى *мансуб ба* **ботаника**; **боғи ботаникӣ** боғе, ки дар он намунаи растанию гиёҳҳои гуногун барои омӯхтан ва таҳқиқоти илмӣ бурдан сабзонида ва парвариш карда мешавад.

**БОТАНТАНА** باطنطنه бокарруфар, бошукӯҳ, бодабдаба, тантананок: **маросими ботантана**.

**БОТАРАҲҲУМ** باترحّم борахму шафқат, меҳ-

рубон.

**БОТАРА** باتره *кит.* доира, даф.

**БОТАРОВАТ** باطراوت тару тоза, тароватнок; сабзу хуррам.

**БОТАРТИБ** باترتیب 1. аз рӯи тартибу низоми муайян, бо риояи қоидаву тартиб. 2. риоякунандаи тартибу қоида, боинтизом, батартиб. 3. аз як сар, бо навбат.

**БОТАРТИБӢ** باترتیبی ботартиб будан, батартибӣ; боинтизомӣ.

**БОТАФСИЛ** باتفصیل муфассалан, батафсил, пурра; мукаммал, бо тамоми ҷузъиёташ, нуқта ба нуқта: **нақли ботафсили воқеа**.

**БОТАҲАММУЛ** باتحمل тоқатнок, сабур, босабр; пуртоқат, бурдбор.

**БОТАҶРИБА** باتجربه таҷрибадор, соҳибтаҷриба, озмудакор, кордида: **деҳқони ботаҷриба**, **муаллими ботаҷриба**.

**БОТАШАББУС** باتشبث *ниг.* **ташаббускор**.

**БОТАЪСИР** باتأثیر муассир, таъсирнок, таъсиркунанда, таъсирбахш.

**БОТАЪҶИЛ** باتعجیل таъҷилан; саросемавор, шитобон.

**БОТИЛ** *а.* باطل беҳуда, бекора, ночиз; **хаёли ботил** хаёли хом, андешаи пуч; **ботил кардан** а) бекор кардан, лағв намудан, беэътибор кардан, аз эътибор соқит кардан; б) ҳеҷ кардан; нест кардан, аз байн бурдан; **ботил шудан** а) лағв гаштан, бекор шудан, беэътибор гардидан; б) зоеъ шудан, ҳеҷ шудан; бекораву нодаркор шудан.

**БОТИН** *а.* باطن 1. даруни чизе, дохили ҳар чиз. 2. олами дарунӣ, рӯҳӣ ва қалбии инсон, дил, замир; **дар ботин** а) ботинан, дарунакӣ; б) дар асл, дар ҳақиқат; **зоҳиру ботин** аёну ноаён, ошкор ниҳон; **зоҳири** *касе* **бо ботинаш мувофиқ будан (мувофиқат кардан)** якранг будани намуди берунӣ (*афту андом, сару либос*) ва олами маънавии касе.

**БОТИНАН** *а.* باطناً 1. дар ботин, қалбан, замиран, дар таги дил. 2. аслан, дар асл, дар ҳақиқат; моҳиятан; **зоҳиран ва ботинан** ҳам дар намуд ва ҳам дар асл; ҳаматарафа.

**БОТИНБИН** باطن‌بین он ки дар дарки олами рӯҳӣ қобилияти зиёд дорад; *муқоб.* **зоҳирбин**.

**БОТИНӢ** باطنی 1. *мансуб ба* **ботин**; дарунӣ, қалбӣ: **изтироби ботинӣ**, **азоби рӯҳию ботинӣ**, **ҳаяҷони ботинӣ**. 2. аслӣ, ҳақиқӣ, воқеӣ.

**БОТИНСИЁҲ** باطن‌سیاه дилсиёҳ, баддил, бадандеш.

**БОТИНХАРОБ** باطن‌خراب бадзот, дарунсиёҳ.

**БОТИНШИНОС** باطن‌شناس бохабар аз олами дарунӣ, рӯҳӣ ва қалбии инсон, донандаи рӯҳу замири инсон: **пири ботиншинос**.

**БОТИЯ** *а.* باطیه *кит.* 1. зарфи сафолӣ барои нигоҳ доштани шароб.

**БОТЛОҚ** باتلاق замини серлою гили душворгузари дорои обҳои истода ва бадбӯй: **ботлоқи касногузар**, **ботлоқи қамишзор**; ◊ **ба ботлоқи** *чизе* **ғӯтидан** ба умқи чизе фурӯ рафтан, дар иҳотаи чизе мондан.

**БОТЛОҚЗАМИН** باتلاق‌زمین *ниг.* **ботлоқзор**.

**БОТЛОҚЗОР** باتلاق‌زار замине, ки аз ботлоқҳои зиёд иборат аст; ҷои ботлоқӣ; ҷои серлою гил.

**БОТЛОҚӢ** باتلاقی *мансуб ба* **ботлоқ**; **замини ботлоқӣ** ботлоқзор.

**БОТУР** باتور *лаҳҷ.* баҳодур, далер, ҷасур.

**БОУМЕД** باامید умедвор, интизор.

**боф** باف 1. *асоси замони ҳозира аз* **бофтан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънии* бофанда: **бӯрёбоф, шоҳибоф, карбосбоф**...

**БОФА** بافه мӯйҳои баланду дарози бо ҳам бофташуда.

**БОФАЗИЛАТ** بافضیلت фозил, соҳибмаърифат.

**БОФАЗЛ** بافضل соҳиби фазлу камол, фозил; дорои хислатҳои наҷибу сифатҳои нек.

**БОФАЙЗ** بافیض файзбахш, бобаракат; маҳсулаш зиёд; натиҷааш хуб.

**БОФАНДА** بافنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **бофтан**. 2. коргар ё устое, ки дар дастгоҳҳо аз ресмон матоъ мебофад, ҷулоҳ, нассоҷ: **устои бофанда**, **ҷун (монанди) мокуи бофанда зуд рафтуо кардан**.

**БОФАНДАГӢ** بافندگی 1. тайёр кардани матоъ аз ресмон, ҷулоҳӣ, нассоҷӣ: **дастгоҳи бофандагӣ**, **корхонаи бофандагӣ**, **саноати бофандагӣ**. 2. касб ва шуғли бофанда: **касби**

**бофандагӣ**.

**БОФАР(Р)** بافر дорои фар(р), бошукӯҳ, шукӯҳманд.

**БОФАРОҒАТ** بافراغت осуда, ором, бо роҳату ҳаловат: **зиндагии бофароғат**.

**БОФАРОСАТ** بافراست бофаҳм; хушзеҳн: **бачаи бофаросат**.

**БОФАРОСАТӢ** بافراستی фаросатмандӣ; бофаҳмӣ.

**БОФАРҲАНГ** بافرهنگ *кит.* боилмудониш; баодоб, бомаданият, шахси фарҳангӣ

**БОФАРҲАНГӢ** بافرهنگی соҳиби илму дониш будан, бофарҳанг будан, бомаданиятӣ, соҳиби маданият будан.

**БОФАСОҲАТ** بافصاحت ба таври фасеҳ, равшан, буро.

**БОФАТОНАТ** بافطانت зирак, ҳушёр, боҳуш, ҳушманд.

**БОФАҲМ** بافهم тезфаҳм, зирак, ҳушёр, боақл, боидрок, шуурнок: **бофаҳу фаросат**, **бофаҳму идрок**.

**БОФБАНД//БОФТБАНД** بافبند//بافتبند *боф.* он ки тору пудро баста, дӯконро барои бофтани матоъ тайёр мекунад.

**БОФБАНДӢ//БОФТБАНДӢ** بافبندی//بافتبندی *боф.* тору пудро баста, тайёр кардани дӯкон барои бофтани матоъ.

**БОФДУМ** بافدم *кит.* оқибат, охир.

**БОФЗАН** بافزن *боф.* коргаре, ки пуди абрешимро аз калоба ба чархак мезанад (*мепечонад*).

**БОФИДАН** بافیدن *ниг.* **бофтан**·

**бофт** بافت *асоси замони гузашта аз* **бофт**.

**БОФТ** بافت 1. бофташуда, мансуҷ: **атласи бофти Душанбе**. 2. миқдори матоъ: **як бофт алоча**.

**БОФТА** I بافته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **бофтан**; бофтагӣ: **мӯи бофта**, **сабади бофта**. 2. матоъ, газвор. 3. *маҷ.* фикр карда баровардa, хаёлӣ, ғайривоқеъ. 4. *маҷ.* сохта, дурӯғ, беасос: **гапи бофта**.

**БОФТА** II بافته **:бофтаҳо** *биол.* низоми алоқаманди ҳуҷайраҳои ҳайвонот ва растаниҳо.

**БОФТАН** بافتن 1. пуди ресмонҳои нахӣ ё риштаҳои мӯиро андар қабати ҳам карда, матоъ, гилем *ва г.* ба вуҷуд овардан, наху торҳоро ба ҳам пайваста танидан: **бӯрё бофтан**, **карбос бофтан**, **шоҳӣ бофтан**, **қолин бофтан**; **мӯй бофтан** якчанд тори мӯйро ба таври махсус ба ҳам карда, ду милла ё ба кокулҳои зиёд ҷудо кардан; **сабад бофтан** лух ё навдаҳои борику дарозро ба таври хос печонда сабад сохтан. 2. *маҷ.* фикр карда баровардан, аз худ баровардан (*мас., шеър, гап ё бӯҳтонеро*); **аз худ бофтан** а) хаёл баровардан, аз худ баровардан; б) *маҷ.* дурӯғ гуфтан.

**БОФТАНӢ** بافتنی *сифати феълии замони оянда аз* **бофтан**; ҳар чизи муносиби бофтан.

**БОФТАШИНОС** بافته‌شناس *тиб.* мутахассис ва олими бофташиносӣ.

**БОФТАШИНОСӢ** بافته‌شناسی *тиб.* илмест, ки бофтаҳои ҷондорон ва набототро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор медиҳад, гистология.

**БОФТБАНД** بافتبند *ниг.* **бофбанд**.

**БОФТБАНДӢ** بافتبندی *ниг.* **бофбандӣ**.

**БОФТБАРДОРӢ** بافت‌برداری *тиб.* ҳуҷайрабардорӣ, намунабардории ҳуҷайраҳо ва бофтаҳо.

**БОФТШИНОСӢ** بافت‌شناسی *ниг.* **бофташиносӣ**.

**БОХА** باخه *кит.* сангпушт.

**БОХАБАР** باخبر огоҳ, хабардор, воқиф: **бохабар кардан**; **бохабар будан** а) огоҳ будан, хабар доштан; донистан, фаҳмидан; б) эҳтиёт шудан, ҳушёр будан; **бохабар шудан**; а) огоҳ шудан, хабар ёфтан, воқиф шудан; донистан, фаҳмидан; б) аҳволи касеро пурсида истодан, аз аҳволи касе хабар гирифтан; **аз худ бохабар будан (шудан)** аз вазъи (аҳволи) худ ҳушёр шудан, эҳтиёт кардан.

**БОХАТ** باخط дорои хат, соҳибхат; **бохату савод** саводнок, таълимдида, маълумотнок.

**БОХИРАД** باخرد *ниг.* **хирадманд**.

**БОХИРАДӢ** باخردی *ниг.* **хирадмандӣ**.

**бохт** باخت *асоси замони гузашта аз* **бохтан**.

**БОХТА** باخته *сифати феълии замони гузашта аз* **бохтан**; бойдода, бохткарда.

**БОХТАН** باختن 1. бой додан, аз даст додан; мағлуб шудан, шикаст хӯрдан (*аз ҳариф дар қимор ё бозие*); *муқоб.* **бурдан**: **бозиро бохтан**. 2. *кит.* бозӣ кардан, бо бозие машғул шудан (*шоҳмот, футбол ва г.*); **дил бохтан** ба ишқи касе (ё коре) гирифтор шудан, дӯст доштан, ошиқ шудан ба касе (ё кору касбе); **ҷон бохтан** ҷони худро дар коре нисор кардан; фидокорӣ кардан; **сари худро бохтан** ҷони худро қурбон кардан, ҷон додан (*дар роҳи мақсаде*); **ақлу ҳушро бохтан** аз ақлу ҳуш ҷудо шудан; девона шудан.

**БОХТАР** باختر 1. ғарб, мағриб. 2. *кит.* шарқ, ховар, машриқ. 3. *таър.* номи қадимии минтақаи Балх, ки имрӯз номи яке аз вилоятҳои маъмурии Давлати Исломии Афғонистон аст. Афғонистони Шимолӣ, Тоҷикистони ҷанубиву марказӣ, Узбекистони ҷанубӣ, Марви Туркманистон ҷузви ин сарзамин таърихӣ буд.

**БОХТАРЗАМИН** باخترزمين 1. кишварҳои ғарбӣ, мағрибзамин, Аврупо ва Амрико. 2. *таър.* сарзамини Бохтар, кишвари Бохтар.

**БОХТАРӢ** باخترى 1. *мансуб ба* **бохтар**. 2. сокини сарзамини Бохтар.

**БОХТХЕЗ** باختخيز :**бохтхез бозӣ кардан** мувофиқи шарти пешакӣ бозӣ кардан, касе, ки дар навбати худ бозиро бой диҳад, аз бозӣ баромада ҳисоб меёбад.

**БОҲ** *а.* باه *кит.* шаҳват, қувваи шаҳвонӣ, қувваи ҷимоъ.

**БОҲАВО** باهوا васеъ, фарох; *муқ.* **барҳаво**.

**БОҲАВСАЛА** باحوصله он ки корҳоро бо ҷузъиёташ аз сидқи дил ба ҷо меорад; баҳавсала; босабру тоқат, бурдбор, борағбат.

**БОҲАВСАЛАГӢ** باحوصلگى боҳавсала будан; рағбатнокӣ; босабрӣ.

**БОҲАДАФ** باهدف бомақсад, дорои ҳадаф ва мақсади муайян, ҳадафдор.

**БОҲАЁ** باحيا шармгин; бонангу номус: **ҷавони шармгин ва боҳаё**.

**БОҲАЁӢ** باحيائى шармгинӣ, ҳаё доштан, ору номус доштан; *муқоб.* **беҳаёӣ**.

**БОҲАЙБАТ** باهيبت ҳайбатнок, бадвоҳима: **овози боҳайбат**.

**БОҲАЛОВАТ** باحلاوت баҳузур, бароҳат: **хоби боҳаловат**.

**БОҲАМЗИД//БАҲАМЗИД** باهمضد ба якдигар муқобил, мухолифи якдигар амалкунанда: **гурӯҳҳои боҳамзид**.

**БОҲАРОРАТ** باحرارت 1. дорои гармои сахт, ҳарорати баланд. 2. *маҷ.* дорои шӯру шавқи бисёр, пурҷӯшу хурӯш: **боҳарорат сухан гуфтан**.

**БОҲАШАМАТ** باحشمت бошукӯҳ, боазамат, бузург, дабдабанок.

**БОҲИММАТ** باهمّت 1. саховатманд, дасткушод, олиҳиммат, ҳимматбаланд, баҳиммат. 2. соҳиби азму иродаи мустаҳкам дар иҷрои корҳои бузург: **ёрони боҳиммат**.

**БОҲИММАТӢ** باهمتى саховатмандӣ, дасткушодӣ; ҳимматбаландӣ.

**БОҲИР** *а.* باهر *кит.* равшан, ошкор, возеҳ, сареҳ.

**БОҲИҶОБ** باحجاب ҳиҷобдор, мастур, бопарда (*хусусан оид ба занону духтарони дорои пӯшиши исломӣ*); фаранҷидор.

**БОҲТУР//БАҲТУР** باهتور *зоол.* як навъи мори безаҳри зард.

**БОҲУ** باهو *кит.* 1. *ниг.* **бозу**. 2. чӯбдаст, чӯби чӯпону шутурбонон, говрон.

**БОҲУНАР** باهنر *кит.* **ҳунарманд**.

**БОҲУР** *а.* باحور *ниг.* **боҳуро**.

**БОҲУРӢ** باحورى *марбут ба* **боҳур**, бисёр гарм.

**БОҲУРМАТ** باحرمت соҳибэҳтиром, мӯҳтарам, боиззат, киромӣ: **шахси боҳурмат**.

**БОҲУРО** *а.* باحورا *кит.* шиддати гармои тобистон.

**БОҲУШ** باهوش ҳушёр, зирак.

**БОҲУШӢ** باهوشى вазъ ва ҳолати боҳуш, ҳушёрӣ, бедорӣ.

**БОЧКА** *р.* باچكه зарфи чубӣ ё оҳании устувонашакли шикамдор барои нигоҳ доштани чизҳои обакӣ; чалак: **бочкаи об**, **бочкаи карасин**.

**БОЧКАМОНАНД** باچكه‌مانند шаклан шабеҳи бочка: **духули бочкамонанд**.

**БОЧКАСОЗ** باچكه‌ساز усто ва коргари соҳибихтисос, ки бочка месозад; **дуредгари**

**бочкасоз**.

**БОҶ** باج 1. *таър*. пулу чизе, ки подшоҳони бузург аз подшоҳони зердаст ё аз раият мегирифтанд, хироҷ, андоз, молиёт. 2. андози пулии давлатӣ, ки ҳангоми аз сарҳади мамлакат гузаронидани молҳои тиҷоратӣ гирифта мешавад: **боҷи гумрук**, **боҷи воридот**, **боҷ гирифтан (ситондан)**, **боҷ додан**.

**БОҶА** باجه ду марде, ки ду хоҳарро ба занӣ гирифтаанд, нисбат ба ҳамдигар боҷа ҳисоб мешаванд.

**БОҶАВҲАР** باجوهر дорои асолат ва истеъдод, ҷавҳардор.

**БОҶГИР** باجگیر гирандаи боҷ, ситонандаи боҷ, боҷситон.

**БОҶГИРӢ** باجگیری *исми амал аз* **боҷ гирифтан**; гирифтани боҷ, боҷситонӣ .

**БОҶГОҲ** باجگاه *ниг.* **боҷхона**.

**БОҶГУЗОР** باجگذار боҷсупор, хироҷгузор.

**БОҶГУЗОРӢ** باجگذاری пардохти боҷ, гузордани боҷ, хироҷгузорӣ.

**БОҶДЕҲ** باجده боҷдиҳанда, шахси супорандаи боҷ.

**БОҶДОВ** باجداو *ниг.* **боҷгир**.

**БОҶПУЛӢ** باجپولی маблағе, ки ҳамчун боҷ гирифта мешавад.

**БОҶСИТОН** باجستان *ниг.* **боҷгир**.

**БОҶСИТОНӢ** باجستانی *ниг.* **боҷгирӣ**.

**БОҶУРЪАТ** باجرأت 1. ҷуръатнок, далер, шуҷоъ: **одамони боҷуръат**, **боҷуръат будан**. 2. далерона, нотарсона.

**БОҶУРЪАТӢ** باجرأتی ҷуръатнокӣ; нотарсӣ; ҷасорат, далерӣ.

**БОҶУРЪАТОНА** باجرأتانه нотарсона, ҷуръат карда, ҷасурона.

**БОҶХОНА** باجخانه муассисаи гумрукие, ки ба гузаронидани молҳо аз сарҳад назорат карда, андозҳои (боҷи) муқарраршударо мегирад, гумрук.

**БОҶХОҲ** باجخواه *ниг.* **боҷгир**.

**бош** باش 1. *асоси замони ҳозира ва феъли амр аз* **будан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънии* бошанда: **шодбош**, **хушбош**, **омодабош**.

**БОШ** باش нидое, ки вақти ҷуфтронӣ барои шитоб накардани барзаговҳо ба кор мебаранд.

**БОША** I باشه парандаи шикории аз боз хурдтар.

**БОША** II باشه *меъ*. қисми қуббадори сари сутун.

**БОШАВКАТ** باشوکت боҳашамат, бошукӯҳ, мӯҳташам; азим: **кишвари бошавкат**, **лашкари бошавкат**.

**БОШАВҚ** باشوق боҳавас, бо шавқмандӣ.

**БОШАД** باشد 1. *шакли аористи* **будан** *дар шахси сеюми танҳо*. 2. *пайвандаки хилофӣ* аммо, вале; **бошад ҳам** сарфи назар аз он, ки ҳарчанд, гарчанде ки ...: **ӯ пир бошад ҳам, хеле боқувват аст**. 3. *ҳиссачаи тасдиқӣ* хуб, майлаш; **ҳар чӣ бошад** а) ба ҳар ҳол, дар ҳар сурат; б) хайрият, хуб шуд, ки…

**БОШАНГ** باشنگ *кит.* хӯшаи ангур, хӯшаи овезони ангур, пошанг.

**БОШАНДА** باشنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **будан**. 2. он ки дар ҷое зиндагонӣ дорад, сокин, иқоматкунанда, истиқоматкунанда; **бошандагони деҳа** сокинони деҳа, аҳолии деҳа, мардуми қишлоқ.

**БОШАРАФ** باشرف 1. шарафнок, шарафманд, пуршаъну ифтихорнок: **вазифаи бошараф**, **касби бошараф**, **номи бошараф**, **роҳи бошарафро тай кардан**. 2. бовиҷдон; боору номус, асил, наҷиб, шариф: **фарзанди бошарафи халқ**.

**БОШАРАФӢ** باشرفی 1. шарофатнокӣ; бошаъну ифтихорнок будан. 2. бовиҷдонӣ, ору номус доштан.

**БОШАРАФОНА** باشرفانه шарафмандона, ифтихормандона; сарбаландона, бо камоли сарбаландӣ: **бошарафона иҷро кардан**.

**БОШАРОФАТ** باشرافت 1. бахосият, неккадам, пою қадамаш нек. 2. поквиҷдон; боору номус; шариф, асил, наҷиб.

**БОШАФҚАТ** باشفقت мушфиқ, шариф, меҳрубон, ғамхор: **зани бошафқат**.

**БОШАҲОМАТ** باشهامت 1. бошукӯҳ, боҳашамат, мӯҳташам. 2. далер, бебок, шуҷоъ: **марди бошаҳомат**.

**БОШГАҲ//БОШГОҲ** باشگه//باشگاه бошишгоҳ, манзил, макон, истиқоматгоҳ.

**БОШГОҲӢ** باشگاهی *марбут ба* **бошгоҳ**.

**БОШИДА** باشیده муқим, сокин, бошанда.

**БОШИДАН** باشیدن будан; иқомат кардан.

**БОШИДДАТ** باشدت 1. шиддатнок, сахт, босуръат, тез: **борони бошиддат**, **сели бошиддат**, **нафаскашии бошиддат**. 2. баланд, шунаво (*доир ба овоз*).

**БОШИТОБ** باشتاب шитобон, босуръат, тез, зуд: **кори бошитоб, бошитоб роҳ гаштан**.

**БОШИШ** باشش *исми феълӣ аз* **будан**; истиқомат, сукунат.

**БОШИШГАҲ//БОШИШГОҲ** باششگه//باششگاه 1. маҳалли зист, истиқоматгоҳ, маскан, манзил, ҳавлию ҷой; қароргоҳ. 2. айвоне, ки дар саҳро барои дамгирӣ ва хӯроккхӯрӣ сохта шудааст, шипанг: **бошишгаҳи саҳроӣ**; **бошишгаҳи тобистонаи мактабиён** ҷои махсус барои дар тобистон истироҳат кардани мактаббачагон.

**БОШҚИРД** باشقرد номи халқи сокини Ҷумҳурии Бошқирдистон (дар ҳайати Федератсияи Руссия).

**БОШҚИРДӢ** باشقردی *мансуб ба* **бошқирд**: **забони бошқирдӣ**.

**БОШУКӮҲ** باشکوه 1. дорои шукӯҳу шавкат, боҳашамат, ҳашаматнок, мӯҳташам: **бинои бошукӯҳ**, **манзараи бошукӯҳ**. 2. дабдабанок, тантананок: **маҷлиси бошукӯҳ**, **зиёфати бошукӯҳ**.

**БОШУУР** باشعور он ки ҳодисаҳои воқеъшавандаро дуруст фаҳмида, хулосаҳои даркорӣ баровarда метавонад: бофаҳм, бофаросат: **одами бошуур**.

**БОШУУРӢ** باشعوری бошуур будан; шуурнокӣ.

**БОШУУРОНА** باشعورانه аз рӯи ақлу шуур, фаҳмида, дарк карда; пурмаъни; бомақсаду бомаром: **интизоми бошуурона**; **ҳаёти бошуурона** ҳаёт ва зиндагии пурмуборизаи бо мақсаду мароми муайян ба нафъи ҷамъият.

**БОШУҶОАТ** باشجاعت *ниг.* **шуҷоатнок**.

**БОЭҲТИЁТ** بااحتیاط 1. эҳтиёткор; *муқоб.* **беэҳтиёт**. 2. мулоҳизакор, боандеша.

**БОЭҲТИЁТӢ** بااحتیاطی боэҳтиёт будан, эҳтиёткорӣ.

**БОЭҲТИМОМ** بااهتمام *кит.* бо саъйу кӯшиш, бо заҳмат.

**БОЭҲТИРОМ** بااحترام дорои ҳурмату эҳтиром.

**БОЭЪТИБОР** بااعتبار соҳибэътибор, мӯътабар, обрӯманд.

**БОЭЪТИДОЛ** بااعتدال дар ҳадди эътидол, мӯътадил.

**БОЭЪТИҚОД** بااعتقاد эътиқодманд, мӯътақид, боваркунанда ба чизе.

**БОЭЪТИМОД** بااعتماد он ки ба вай эътимод ва бовар кардан мумкин аст, сазовори боварӣ, боваринок, боварибахш, дилпуршаванда: **дӯсти боэътимод**, **посбони боэътимод**.

**БОЯД** باید 1. *шакли аористи* **боистан** *дар шахси сеюми танҳо*. 2. *ҳамчун калимаи модалӣ дар таркиби феълҳо ба маънои* шояд, эҳтимол, мумкин *меояд*; *бо феъли асосӣ омада, феъли бешахс месозад*: **чӣ бояд кард**? **бояд қайд кард, ки**...; **бояду шояд** ба дараҷаи лозимӣ; пурра, комилан.

**БОЯРОҚ** بایراق яроқнок, босилоҳ, мусаллаҳ(она); *муқоб.* **беярок**.

**БРАК** *р.* برک *кҳн.* маҳсулоте, ки ягон иллат дорад, моли нуқсондор; **брак баровардан** бо ягон нуқсон маҳсулот истеҳсол кардан, маҳсулоти иллатдор баровардан; **брак кардан** маҳсулотро ба сабаби ягон нуқсон нобоб дониста, қабул накардан.

**БРЕЗЕНТ** *ҳол.* بریزینت матои дурушту ғафси обногузар, ки аз он бодбони киштӣ, пӯшиши мошинҳо, чодарҳои гуногун *ва г.* месозанд.

**БРЕЗЕНТӢ** بریزینتی *мансуб ба* **брезент**; аз брезент сохташуда: **мӯзаи брезентӣ**, **хаймаи брезентӣ**, **чодари брезентӣ**.

**БРЕЗЕНТПӮШ** بریزینتپوش бо брезент пӯшидашуда: **мошини боркаши болояш брезентпӯш**.

**БРИКЕТ** *фр.* بریکیت чизҳои хишт ё тахташакли бо фишори мангана сохта хушк кардашуда (*аз хокаи ангиштсанг, хошоки чорво ва г.*): **брикет сохтан**, **брикет тайёр кардан**.

**БРИЛЛИАНТ** *фр.* بریلینت алмоси тарошида ва сайқал додашуда.

**БРОЙЛЕР** *англ.* برايلير 1. мурғ ё чӯҷаи барои гӯшт парваришёфта. 2. мурғхонае, ки дар он барои гӯшт мурғпарварӣ мекунанд.

**БРОКЕР** *англ.* براكير восита, миёнарав дар харидуфурӯши ягон хел мол ё муомилаи мушаххаси дигар.

**БРОМ** *ю.* برام унсури химиявӣ, ки моддаи моеъи ҷигариранг буда, дорои бӯи тези нохуш аст ва дар саноат ва тиб истифода мешавад.

**БРОН** *р.* بران 1. пешакӣ ба номи касе банд карда мондани ҷое (ҳуҷрае) дар меҳмонхона, чипта барои ҳавопаймо ва роҳи оҳан ё ягон чизи дигар: **брон кардан**. 2. ҳуҷҷате, ки банд карда шудани ҷо дар меҳмонхона, билет барои нақлиёт, озод карда шудан аз хизмати ҳарбӣ (*дар солҳои ҷанг*) ё барои касе нигоҳ доштани чизеро тасдиқ мекунад: **брон додан**.

**БРОНХИТ** *ю.* برانخيت *тиб.* илтиҳоби пардаҳои луобии шохаҳои нойи нафаскашии шуш.

**БРОНХҲО** برانخها *тиб.* шохаҳои нойи нафаскашии шуш.

**БРУТСЕЛЛЁЗ** *англ.* بروتسيلياز *тиб.* касалии сироятии ҳайвонот, ки аз бактерияҳо ба вуҷуд меояд ва ба одам низ гузаштанаш мумкин аст.

**БУБ** بوب *кит.* палос, фарш.

**БУБУ** بوبو *кит.* ҳудҳуд, шонасарак.

**БУВА** بوه *лаҳҷ.* бибӣ.

**БУВАД** بود *шакли қадимии аористи* **будан** *дар шахси сеюми танҳо*; бошад.

**БУВИШ** بوش *кит.* бошиш, ҳастӣ, зисту ҳаёт.

**БУГОН** بوگان *кҳн.* бачадон, раҳм.

**БУҒ** I بوغ бухор; ҳавр; **буғ додан** дар бухори оби ҷӯш чизеро нигоҳ доштан (*барои нарм кардан, мас., пилла, ҷавдор ва г.-ро*).

**БУҒ** II بوغ [*аслаш* **бук**] 1. олати дарози дарунковоки устухонӣ, сафолӣ ё филизӣ, ки бо даҳон ба он бод медаманд ва садо медиҳад; собиқ дар осиёб ва ҳаммомҳо сар шудани корро ба воситаи буғ хабар медоданд; шайпур. 2. бонг, хуштак, ки корхонаҳо соатҳои оғозу анҷоми кор ва вақти танаффусро хабар медиҳанд; бонги паровоз ва киштӣ ҳангоми расидан ба истгоҳ ва равона шудан аз он, гудок: **буғ кашидан**.

**БУҒ** III بوغ *ниг.* **буғӣ** II.

**БУҒАНБОР** بوغانبار *тех.* ҷои ҷамъ шудани буғ.

**БУҒГАРД** بوغگرد василае, ки ба воситаи буғ кор мекунад: **осиёби буғгард**.

**БУҒГАРДОНӢ** بوغگرداني *ниг.* **табхир**.

**БУҒГАРМКУНАК** بوغگرمكنک *тех.* дастгоҳ барои гарм кардани бухори хунукшуда.

**БУҒДИҲӢ** بوغدهي *исми амал аз* **буғ додан**; бухордиҳӣ.

**БУҒДОДА** بوغداده *сифати феълии замони гузашта аз* **буғ додан**; ба воситаи буғ нармшуда.

**БУҒЗ** *а.* بغض 1. *кит.* кина, адоват, душманӣ: **буғзу адоват**. 2. *маҷ.* зиқӣ, гирифтагии хотир, бухс (*гуфт.*), кудурат; **буғзи дилро баровардан (кафондан, холӣ кардан)** хафагиро баровардан, ғамгиниро аз худ дур кардан; дил холӣ кардан, ҳасрат карда тасалло ёфтан; **дил буғз кардан** зиқ шудан, дилтанг шудан.

**БУҒИКУНАНДА** بوغيکننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **буғӣ кардан**; хафакунанда.

**БУҒӢ** I بوغي *мансуб ба* **буғ; батареяи буғӣ** батареяе, ки ба воситаи буғ гарм карда мешавад.

**БУҒӢ** II بوغي :**буғӣ кардан** а) бо даст ё ресмон гулӯи ҷондорро фишор дода, роҳи нафаси ӯро банд кардан (*барои куштан*), хафа карда куштан; нафасгардон кардан; б) *кин.* аз танг кардан, фишор овардан; **танқидро буғӣ кардан** *кин.* фишор овардан ба танқид; роҳ надодан ба танқид.

**БУҒКАШӢ** بوغكشي хуштаккашӣ; бонг, гудок: **садои буғкашии паровоз**.

**БУҒКУНАК** بوغكنک *тех.* дастгоҳ барои ба буғ табдил додани моеъҳо.

**БУҒМА** I بوغمه *бот.* гиёҳи лӯндабехи бисёрсола, ки бештар ҳамчун гиёҳи шифобахш машҳур аст.

**БУҒМА** II بوغمه *лаҳҷ.* гулӯзиндонак.

**БУҒРАНҶ** بوغرنج чигил, печ дар печ.

**БУҒРОНАК** بوغرانک *ниг.* **буғкунак**.

**БУҒРОНӢ** بوغراني буғ рондан, гузарондани буғ.

**БУҒСАРДКУНАК** بوغسردكنک *тех.* асбоб барои танзими ҳарорати бухор.

**БУҒТАҚСИМКУНАК** بوغتقسیم‌کنک *тех.* дастгоҳи тақсимкунандаи буғ ба қубурҳо.

**БУҒТОБ** بوغتاب :**буғтоб кардан** дар буғ пазондани матоъ барои беҳтар шудани сифати он.

**БУҒТОБШУДА** بوغتابشده матоъ ё порчае, ки буғтоб шудааст.

**БУҒУМ** بغوم 1. *биол.* ҷои пайванд шудани устухонҳои бадан, пайванд, банд: **буғуми пой**, **дарди буғум**. 2. қисми соқаи растании ҷуворӣ, ҷуворимакка, навдаи ток ва монанди ин, ки дар байни ду пайванд воқеъ аст.

**БУҒУМАК** بغومک *ниг.* **чилбуғум**.

**БУҒУМДАРД** بغومدرد дарди буғум, ревматизм.

**БУҒУМПОЙҲО** بغومپایها гурӯҳи олии ҷондорҳои бесутунмӯҳра (*харчанг ва дигар хазандаҳо*), ки бадани онҳо аз буғумҳо иборат аст.

**БУҒӮЗ** بغوز *гуфт.* бордор, ҳомила: **буғӯз шудан**.

**БУҒӮЗАК** بغوزک *шакли тасғир ва навозишии* **буғӯз**; ◊ **буғӯзак шудани муғҷаҳои дарахтон** об гирифтани муғҷаҳои дарахтон.

**БУҒӮЗӢ** بغوزی *гуфт.* буғӯз будан; ҳолати бордор будан (-и *мас.*, *ҳайвонот*).

**БУҒХОНА** بوغخانه *ниг.* **бухорхона**.

**БУҒЧА** بغچه *ниг.* **бӯғча**.

**БУҒШАВАНДАГӢ** بوغشوندگی *ниг.* **буғшавӣ**.

**БУҒШАВӢ** بوغشوی қобилияти ба буғ табдил ёфтани ҷисмҳо, бухор шудан.

**БУҒҶОМА** بغجامه 1. матои калони чоркунҷа барои баста мондани кӯрпаву болишт; *муқ.* **бӯғча**. 2. чодар, матои калони чоркунҷа барои афшонда гирифтани тут, зардолу *ва ғ.*

**буд** بود *асоси замони гузашта аз* **будан**.

**БУД** بود 1. он чи мавҷуд аст, мавҷуд: **аз будаш зиёд карда нишон додан**, **буди кор ҳамин**; **буд кардан** иҷро кардан, пур кардан, ба итмом расонидан (*мас., кореро*); **буд шудан** иҷро шудан, пур шудан, итмом пазируфтан. 2. дорой, сарват, сарватнокӣ; **буд набуд** таъбири оғози анъанавии афсонаҳои тоҷикӣ, сарафсона; **буду набуд** ҳамаи чизу чора, молу мулк, дорой; **буду шуд** а) асл, ҳақ, ҳақиқат: **буду шуди гап**, **буду шуди воқеа**; б) тамоми чизи дар ихтиёр дошта, ҳамаи дорой.

**БУДА** بوده 1. *феъли ҳол ва сифати феълии замони гузашта аз* **будан**; **маълум буда бошад, ки**… маълум гардад, ки…, маълум бод, ки… 2. ҳозир, ҳузурдошта, мавҷудбуда (*ба ин маъно одатан дар шакли ҷамъ меояд*).

**БУДАГӢ** بودگی 1. *шакли дигари сифати феълии замони гузашта аз* **будан**. 2. ҳузурдошта, мавҷуд, он чи ҳаст.

**БУДАН** بودن 1. вуҷуд доштан; мавҷудият, ҳастӣ; **кӣ будан** чӣ гуна феълу хӯй доштан; чӣ мақсад доштан. 2. ҳузур доштан; ҳозирӣ; воқеъ гаштан. 3. истиқомат доштан, қарор гирифтан; истодан. 4. банд шудан. 5. *ҳамчун феъли ёридиҳанда феълҳои таркибии номӣ месозад*: **дузд будан, қимат будан, озод будан; дузд бошу баинсоф бош** (*мақ.*); ◊ **то будан** то вақти зинда мондан.

**БУДАНӢ** بدنی *сифати феълии замони оянда аз* **будан**; он чи қобили будан аст, мешуданӣ.

**БУДГОР** بودگار буданӣ (*дар сарогози афсонаҳо*).

**БУДДИЗМ** *санс.* بدّزم *ниг.* **буддоия**.

**БУДДОИЯ** بدّائیه яке аз қадимтарин динҳои ҷаҳонӣ, ки муассиси он Буддо (асрҳои 6-5 то м.) мебошад ва буддоия дар Ҳиндустон, Хитой, Япония, Ҳиндухитой ва дигар мамлакатҳои шарқи Осиё паҳн шудааст.

**БУДДОӢ** بدائی 1. пайрави дини буддоия. 2. ҳар чизи ба буддоия мансуб.

**БУДОҒ** بداغ *бот.* як навъ растании бутта ё дарахтчаи ҳамешасабз, ки дар Тоҷикистон чун растании ороишӣ маъмул аст, калина.

**БУДУБОШ** بودوباش бошиш, истиқомат, зиндагонӣ: **маҳалли будубош**.

**БУДҶА//БУДҶЕТ** *фр.* بدجه//بدجیت *ниг.* **буҷет**.

**БУЗ** بز ҳайвони ҷуфтсуми алафхӯри хонагӣ аз ҷинси гӯсфанд, ки дорои шох, риши дароз ва думи кӯтоҳ аст ва барои гӯшт, пашм ва шир парвариш мекунанд; **бузи кӯҳӣ** як зоти бузи шабеҳи оҳу, ки дар кӯҳҳои Тоҷикистон мавҷуд аст.

**БУЗАК** بزک 1. *шакли тасғир ва навозишии* **буз**; бузғола. 2. бозичаи чӯбини ба шакли буз, ки ба воситаи ресмонҳо ба ҳаракат даровarda мешавад.

**БУЗБОЗӢ** بزبازی масхара, масхарабозӣ; найрангбозӣ, найрангу фиреб.

**БУЗВОР** بزوار монанди буз, ба мисли буз: **бузвор ҷаҳидан (тохтан)**; **риши бузвор** риши борики ба мисли риши буз, ки танҳо дар манаҳ рӯида бошад.

**БУЗҒОЛА** بزغاله бачаи буз, бузича.

**БУЗДИЛ** بزدل *киноя аз* одами тарсончак, тарсу, беҷуръат.

**БУЗДИЛӢ** بزدلی тарсончакӣ, беҷуръатӣ.

**БУЗДИЛОНА** بزدلانه бо тарс, тарсида, беҷуръатона.

**БУЗИЧА** بزیچه *ниг.* **бузғола**.

**БУЗКАШ** بزکش иштироккунандаи бузкашӣ, човандоз, кӯбкоритоз.

**БУЗКАШАК** بزکشک *гуфт.*, *ниг.* **бузкашӣ**.

**БУЗКАШӢ** بزکشی навъи варзиши миллӣ, ки бузкашҳо аспсавор барои буз ё гӯсолаи сарбуридаро аз ҷои муайян гирифта ба марра бурда расонидан мусобиқа мекунанд, кӯбкорӣ; **бузкашӣ кардан** иштирок кардан дар бозии бузкашӣ.

**БУЗПАРВАРӢ** بزپروری соҳаи чорводорӣ, ки бо парвариши бузҳо барои ширу гӯшт ва пашм машғул аст: **фермаи бузпарварӣ**, **хоҷагии бузпарварӣ**.

**БУЗРАҲА** بزرهه *гуфт.* пайраҳаи танги кӯҳӣ, ки одатан чорпоёни майда роҳ гашта метавонанд.

**БУЗРИШ** بزریش он ки монанди буз фақат дар манаҳ риш дорад.

**БУЗУРГ** بزرگ 1. калон; *муқоб.* **хурд**; азим, кабир; мӯҳташам, боҳашамат: **имората бузург**, **обанди бузург**. 2. паҳновар, васеъ, фарох: **дарёи бузург**, **кишвари бузург**. 3. калонсол, дорои синну соли зиёд, зиёд умрдида нисбат ба касе: **бародари бузург**, **хурду бузург**; **фарзанди бузург** фарзанди аз ҳама пеш ба дунё омада, фарзанди нахустин. 4. шахси соҳибэътибор, мӯҳтарам; соҳибфазилат. 5. калоншаванда, роҳбар, сардор; олимақом; **бузургони давлат** ҳукуматдорон, аркони давлат; **гуноҳи бузург** гуноҳи азим, ҷурми калон; **давлати бузург** давлати тавоно, пуриқтидор; давлате, ки дар арсаи байналхалқӣ яке аз давлатҳои асосӣ ба шумор меравад; **муваффақияти бузург** муваффақияти шоён, муваффақияти ба назар намоён; **халқи бузург** халқи сернуфуси дорои таъриху анъанаи ғанӣ; **қисми бузург** қисми бисёр, бахши аъзам; аксар(ият); **бузург шудан (гардидан)** а) калон шудан; ҳаҷман афзудан; б) калонсол шудан; ба воя расидан. 6. мақоме аз мусиқии классикии тоҷикии «Шашмақом», ки бо номи «Бузрук» ҳам ёд мешавад.

**БУЗУРГВОР** بزرگوار 1. шариф, наҷиб, олиҷаноб. 2. шахси табаррук, мӯътабар; соҳибэътибор: **пири бузургвор**. 3. *кҳн.* авлиё, валӣ.

**БУЗУРГВОРОНА** بزرگوارانه дархӯри бузургворон, лоиқи бузургворон: **фикри бузургворона**.

**БУЗУРГДИЛ** بزرگدل шуҷоъ, диловар, ҷасур, далер.

**БУЗУРГДИЛӢ** بزرگدلی диловарӣ, шуҷоатмандӣ, ҷасурӣ, далерӣ.

**БУЗУРГДОШТ** بزرگداشت таҷлил, эҳтиром; **маҷлиси бузургдошт** ҷамъомаде, ки ба ёдбуди шахси бузург барпо мегардад.

**БУЗУРГЗОДА** بزرگزاده *кит.* наҷиб, шариф (*аз ҷиҳати баромад*); асилзода.

**БУЗУРГЗОДАГӢ** بزرگزادگی асолати хонаводагӣ доштан, наҷибзодагӣ, асилзода будан.

**БУЗУРГӢ** بزرگی 1. калонӣ; азамат, шукӯҳ, ҳашамат; азимҷуссагӣ. 2. паҳноварӣ, вусъат. 3. андоза, ҳаҷм. 4. *риёз.* он чи имкони андозагирӣ ва ҳисоб кардан дорад: **бузургиҳои доимӣ ва тағйирёбанда**.

**БУЗУРГМАНИШ** بزرگمنش *кит.* 1. олитабиат, ниҳоди бузург дошта; олиҳиммат. 2. он ки аз ҷиҳати баромад асилу наҷиб аст; асилзода, ашроф. 3. номи форсии галаситораи Ҷаббор.

**БУЗУРГМАНИШӢ** بزرگمنشی *кит.* 1. бузургманиш будан; олитабиатӣ; олиҳимматӣ. 2. асилзодагӣ, ашрофзодагӣ.

**БУЗУРГМАНИШОНА** بزرگمنشانه бо шева ва рафтори бузургманиш, бузургманиш.

**БУЗУРГМАРД** بزرگمرد абармард, марди барҷаста ва бузург, бузургвор.

**БУЗУРГМАРДӢ** بزرگمردی бузургворӣ, азамат, шарофат.

**БУЗУРГОНА** بزرگانه монанди бузургон, бо равиш ва рафтори бузургон.

**БУЗУРГСОЛ** بزرگسال он ки давраи кӯдакӣ ва ҷавониро гузаронидааст, дорои синну соли калонтар аз ба балоғат расида; *муқоб.* **хурдсол**.

**БУЗУРГСОЛӢ** بزرگسالی бузургсол будан, пиронсолӣ.

**БУЗУРГҲАҶМ** بزرگحجم калонҳаҷм, ҳаҷман бузург.

**БУЗУРГҶУССА** بزرگجثّه калонҷусса, азимҷусса, тануманд.

**БУККАК** بوکّک *гуфт.* хамидақомат: **кампири буккак**.

**БУКО** *а.* بکا *кит.* гиристан; гиря.

**БУКРӢ** بوکری пуштхамида, кӯзапушт.

**БУКСИР** *голл.* بکسیر 1. *ниг.* **ядак** (**таноби ядак**); **ба буксир гирифтан** бо симтаноб ё арғамчин баста кашидани киштӣ, автомобил *ва г.* 2. *ниг.* **ядаккиштӣ**.

**БУКТЕРХАЛТА** بوکترخلته борхалтаи мусофири савора.

**БУҚАЛАМУН** بوقلمون *ниг.* **бӯқаламун**.

**БУҚҚА** *т.* بقّه гови нари ахтанокарда.

**БУҚОҚ** *т.* بقاق *лаҳҷ.* ҷоғар, ғуррӣ.

**БУҚЪА** *а.* بقعه *кит.* 1. қитъаи замин, ки аз заминҳои дигар ҷудо карда шудааст. 2. хона, ҳавлӣ, сарой; мусофирхона.

**БУЛАҶАБ** *а.* بلعجب тааҷҷубовар, ҳайратангез; аҷиб, ғалатӣ.

**БУЛБУЛ** بلبل парандаи хушовоз ба андозаи гунҷишк бо пушти қаҳваӣ ва шикамими хокистарӣ, андалеб, ҳазордастон: **булбули кӯҳӣ**, **булбули сармаст**, **булбули хушилҳон**; ◊ **чашми булбул** навъи нақшу нигор, ки дар матоъ партофта мешавад; **булбули Шероз** Хоҷа Ҳофиз; **булбули шӯрида** ошиқ.

**БУЛБУЛА** بلبله кӯзаи лӯладор, ки дар он шароб мерехтанд.

**БУЛБУЛАГАРДОН** بلبله‌گردان гардонандаи кӯзаи шароб дар базму маҳфилҳо.

**БУЛБУЛАГАРДОНӢ** بلبله‌گردانی гардондани кӯзаи шароб дар базму маҳфилҳо.

**БУЛБУЛАК** بلبلک 1. *шакли тасғир ва навозиши* **булбул**. 2. ҳуштакчаи гилии бачагона, ки ба он об пур карда кашанд, мисли хониши булбул садо медиҳад.

**БУЛБУЛВОР** بلبلوار монанди булбул, ба мисли булбул.

**БУЛБУЛЗАБОН** بلبل‌زبان ширинсухан, хушсухан.

**БУЛБУЛЗАБОНӢ** بلبل‌زبانی ширинсуханӣ, хушсуханӣ.

**БУЛБУЛИСТОН** بلبلستان ҷое, ки дар он булбул зиёд аст, макони булбулон.

**БУЛБУЛНАВО** بلبلنوا дорои овози булбулмонанд; хушовоз.

**БУЛБУЛСИТОН** بلبل‌ستان *ниг.* **булбулистон**.

**БУЛВАФО** *а.* بوالوفا вафодор, бовафо.

**БУЛҒА** *а.* بلغه *кит.* 1. кифоят, хӯроки якрӯза. 2. ӯҳдабаро, моҳир.

**БУЛҒОК** *т.* بلغاک *кит.* фитна, шӯр ва ғавғои бисёр.

**БУЛҒОР I** بلغار номи халқе аз славянҳо, ки аҳолии асосии мамлакати Булғористонро ташкил медиҳанд.

**БУЛҒОР II** بلغار як навъ чарми хушранг; **кафши булғор** *ниг.* **булғорӣ**.

**БУЛҒОРӢ** I بلغاری 1. *мансуб ба* **булғор: забони булғорӣ**, **либоси булғорӣ**; **қаланфури булғорӣ** навъи қаланфури калони ғайри тунди хӯрокӣ, қаланфури дӯлма. 2. сокини Булғористон.

**БУЛҒОРӢ** II بلغاری аз чарми булғор дӯхташуда: **кафши булғорӣ**.

**БУЛҒУР** بلغور *кит.* 1. ҳар чизи кӯфта дарҳамомехта. 2. ярмаи гандуми нимпухта. 3. таоме, ки аз ин ярмаи гандум мепазанд.

**БУЛДОЗЕР** *англ.* بلدازیر тракторе, ки дар пеши он бели калони махсус барои ҳамвор карданизамин ва ба ҷои дигар тела дода бурдани хок пайваст карда шудааст.

**БУЛДОЗЕРЧӢ** بلدازیرچی ронандаи булдозер.

**БУЛКАНҶАК** بلکنجک *кҳн.* аҷиб, аҷоиб, турфа.

**БУЛКАРАМ** *а.* بوالکرم *кит.* соҳибкарам, соҳиби бахшиш, саховатманд.

**БУЛКАФД** *а.* بلکفد *кит.* пора, ришва.

**БУЛУҒ** بلوغ *кит.* расиш ба балоғат, расидан ба синни рушд: **ҳадди булуғ**.

**БУЛУК** *т.* بلوک *таър.* ноҳияе, ки аз якчанд деҳа иборат аст.

**БУЛУҚ** *а.* بلق садои оби аз замин бароянда; **булуқ-булуқ кардан** аз замин заҳида баромадани об.

**БУЛУТ** I بلوط дарахти зебои сербаргу азимҷусса, ки чӯби сахт дорад, балут.

**БУЛУТ** II بلوت *гуфт.* абр, меғ.

**БУЛУТЗОР** بلوطزار ҷангали дарахтони булут, ҷое, ки дарахтони булут зиёд аст.

**БУЛУТӢ** بلوطی аз чӯби дарахти булут сохташуда.

**БУЛӮР** *ю.* بلور 1. шишаи аълосифати шаффофе, ки дар рӯшноӣ тобиш ва ҷилои зебое медиҳад. 2. ҷисми якҷинсаи сахтест, ки атом, ион ва молекулаҳояш дар шакли панҷараи

фазоӣ мураттаб ҷойгир шудаанд ва дар табиат дар шакли бисёрқирра вомехӯрад; кристалл; **булӯри кӯҳӣ** навъи шаффофи квартс, ки дар оптика ва дар сохтани маснуоти заргарӣ ба кор меравад.

**БУЛӮРВОР** بلوروار монанди булӯр, ба мисли булӯр софу шаффоф; **оби булӯрвор** оби соф.

**БУЛӮРГАРДӢ** بلورگردی ба булӯр табдилёбӣ; хосияти ба булӯр табдил гаштан.

**БУЛӮРИН** بلورین 1. аз булӯр сохташуда: **қандили булӯрин**, **ҷоми булӯрин**. 2. *маҷ.* соф, шаффоф; **дасти булӯрин** дасти сап-сафеду зебо ва нозук (-и маъшуқа).

**БУЛӮРИНА** بلورینه булӯрӣ; он чи аз ҷинси булӯр аст.

**БУЛӮРӢ** بلوری *ниг.* **булӯрин**.

**БУЛӮРШАКЛ** بلورشکل шаклан монанди булӯр.

**БУЛӮРШИНОСӢ** بلورشناسی шохае аз илми физика, ки ба баррасиву пажӯҳиши сохтор ва хусусиятҳои булӯрҳо машғул аст.

**БУЛФУЗУЛ** *а.* بوالفضول *кит.* пургӯй, сергап, маҳмаддоно; донотарош.

**БУЛҲАВАС** *а.* بوالهوس 1. побанди ҳавою ҳавас, серҳавас; ошиқи ҳардамхаёл. 2. *маҷ.* ҳаваскор, ҳавасманд.

**БУЛҲАВАСӢ** بوالهوسی булҳавас будан, ҳардамхаёлӣ; ишқи ғайриҷиддӣ.

**БУЛҲАВАСОНА** بوالهوسانه аз рӯи ҳавою ҳавас; ҳардамхаёлона; ҳаваскорона, аз рӯи орзую ҳавас иҷро кардашуда: **шеъри булҳавасона**.

**БУМ** I *а.* بوم парандаи чанголдори шабпари аз ҷуғз калонтар, ки байни мардум шум ва бехосият шумурда мешавад, ҳугуяк: **буми шум**; ◊ **лонаи бум** *маҷ.* вайрона, харобазор.

**БУМ** II بوم хок, замин (*-и нокорам*); сарзамин, кишвар, мамлакат: **марзу бум**.

**БУМАЗӢ** *р.* بومزی 1. матои пахтагии рӯяш патдор [*аслаш* **бумазея**]. 2. либос ё чизи дигари аз матои мазкур сохташуда**: куртаи бумазӣ**.

**БУМӢ** بومی маҳаллӣ, таҳҷоӣ, сокини аслии маконе.

**БУМҲАН** بومهن *кит.* заминҷунбӣ, зилзила.

**БУН** بن//بون 1. бех, реша, асос, бунёд; **буни мӯ** бехи мӯ. 2. қисми зерини ҳар чиз, поён, таг: **буни девор**, **буни тал**, **буни чоҳ**; **буни гардан** паси гардан; пушти сар; **буни гӯш** таги гӯш, зери гӯш; баногӯш; **буни дандон** милки дандон, вора; **буни кӯҳ** домани кӯҳ; **буни ғор** дохили ғор; **аз бун (бар)кандан** а) аз решааш кандан, решакан кардан (*дарахтро*); б) *маҷ.* тамоман маҳв кардан, несту нобуд кардан (*чизеро, касеро*); ◊ **аз бун // аз беху бун** тамоман, саросар, ба куллӣ (*мас., аз бун хушк шудан, аз бун канда шудани решаи зулм*); **бесару бун** беаввалу охир, парешон, бетартиб (*мас., суханҳои бесару бун, хаёлоти бесару бун*).

**БУНА** I بنه 1. асбобу анҷом, молу чиз; лоқу пари хона. 2. асбоби сафар, зод, тӯша: **бору буна** асбобу анҷом, молу чиз; ◊ *касеро* **буна карда…** *лаҳҷ.* ба умеди касе шуда…, ба касе умеди зиёд баста… 3. хона, манзил, ошёна.

**БУНА** II بنه 1. асл, реша, бун. 2. бутта, дарахти қадкӯтоҳ.

**БУНАДОР** بنه‌دار *лаҳҷ.* хонадор, масъули нигаҳбонӣ ва мутасаддии буна.

**БУНАК** بنک маблағе, ки барои коре ё ҳосили кишти пешакӣ дода мешуд; маблағе, ки умуман барои иҷрои коре пешакӣ медиҳанд ё мегиранд (*мас*., *барои сафари хизматӣ, барои дӯхтану сохтани чизе ва г.*), пешмузд, пешпардохт: **бунак гирифтан**, **бунак додан**.

**БУНАКДИҲӢ** بنک‌دهی *исми амал аз* **бунак додан**; пардохти бунак.

**БУНАКДОР** بنکدار он ки аз болои кори ояндааш аз соҳиби корхона пешакӣ маблағ мегирифт.

**БУНАФШ** بنفش ранги кабуди моил ба ранги гули бунафша, нилуфарӣ, нофармон, нилгун.

**БУНАФША** بنفشه гиёҳе, ки гулҳои майдаю сархами кабудранги хушбӯй дорад ва дар баҳор пеш аз гулҳои дигар мешукуфад.

**БУНАФШАГУН** بنفشه‌گون *ниг.* **бунафшаранг**.

**БУНАФШАЗОР** بنفشه‌زار ҷое, ки бунафшаи бисёр мерӯяд.

**БУНАФШАРАНГ** بنفشه‌رنگ монанд ба ранги гули бунафша.

**БУНАХЕЗ** بنه‌خیز хонахез, ботамом кӯч бастан, бо тамоми хонавор кӯчидан.

**БУНБАСТ** بنبست 1. сарбаста (*дар бораи кӯча*). 2. кори душворе, ки роҳи ҳал надорад.

**БУНГОҲ//БУНГАҲ** بنگاه//بنگه 1. *кҳн.* анбор, махзан. 2. муассиса ё марказе, ки барои иҷрои ягон хизмат махсус гардонида шудааст: **бунгоҳи тиббӣ**.

**БУНГОҲӢ** بنگاهی *мансуб ба* **бунгоҳ**.

**БУНДОР** بندار *кит.* 1. решадор. 2. ҳамёндор; соҳиби молу манзил, хонаю молдошта. 3. касе, ки молро арзон харида қимат мефурӯшад, ҷаллоб, ҳаннот.

**БУНДУҚ** I بندق гулӯла, гирд, лӯнда, ғелак.

**БУНДУҚ** II بندوق *кҳн.* туфанг, милтиқ.

**БУНДУҚДОР** بندقدار *кҳн.* туфангдор, милтиқдор.

**БУНЁД** بنياد 1. пойдевор, таҳкурсӣ, поя; **бунёд кардан (ниҳодан)** сохтан, барпо кардан, ба вуҷуд овардан (*мас., хона, боғ, шаҳр, иншоот ва ғайраро*); **бунёд шудан (гардидан, ёфтан)** сохта шудан, ба вуҷуд омадан. 2. *маҷ.* асос, асл; ниҳод, сиришт; **бунёди** *чизеро* **сӯхтан (кандан)** чизеро маҳв кардан, нест кардан.

**БУНЁДГАР** بنيادگر *ниг.* **бунёдкор**.

**БУНЁДГАРО** بنيادگرا *нав.* пайрави ҷараёни бунёдгароӣ.

**БУНЁДГАРОӢ** بنيادگرايى *нав.* ҷараёни динӣ, ки тарафдорони он ба танқиди аҳкоми дин ва шак овардан ба он муқобиланд.

**БУНЁДГУЗОР** بنيادگذار асосгузор, созанда, бинокунанда.

**БУНЁДГУЗОРӢ** بنيادگذارى гузоштани асоси чизе; барпокунӣ, таъсис.

**БУНЁДӢ** بنيادى асосӣ, аслӣ, бунёнӣ.

**БУНЁДКАН** بنيادکن нобудкунанда, харобкунанда, аз реша несткунанда.

**БУНЁДКОР** بنيادکار созанда, барпокунанда, бинокор.

**БУНЁДКОРӢ** بنيادکارى бунёд кардан; созандагӣ, барпо кардан, таъсис.

**БУНЁДКОРОНА** بنيادکارانه мисли бунёдкор; ба сохтан равона кардашуда: **меҳнати бунёдкорона**.

**БУНЁДКУНАНДА** بنيادکننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **бунёд кардан**; бунёдкор.

**БУНЁН** بنيان 1. бунёд, поя, асос. 2. *кит.* сохти хона, сохти иморат.

**БУНЁНГУЗОР** بنيانگذار *ниг.* **бунёдгузор**.

**БУНЁНГУЗОРӢ** بنيانگذارى *ниг.* **бунёдгузорӣ**.

**БУНЁНӢ** بنيانى *ниг.* **бунёдӣ**.

**БУНЁНКАН** بنيانکن харобкунанда, вайронкунандаи бунёди чизе; харобиовар.

**БУНЁНФИКАН** بنيانفکن 1. *ниг.* **бунёнкан**. 2. *маҷ.* хонумонсӯз, хонасӯз.

**БУНИГАРДАНӢ** بنيگردنى зарбе, ки ба паси сару пушти гардан мезананд.

**БУНИЯ** *а.* بنيه ниҳод, фитрат, сиришт; вуҷуд.

**БУНЛОД** بنلاد *кит.* бунёд, таҳкурсӣ, пойдевор.

**БУНМОЯ** بنمايه мояи асосӣ, сириштмоя, мавзӯъ ё мӯҳтавои асосии як асари бадеӣ ё ҳунарӣ, ки дигар мавзӯъҳо дар алоқамандӣ ба он матраҳ мешаванд.

**БУНОГӮШ** بناگوش *ниг.* **баногӯш**.

**БУНСОЛА** بن ساله кӯҳан, кӯҳансол, солхӯрда, пир.

**БУНЧА** بنچه решаю танаи хурду борики гиёҳу алафҳои навруста.

**БУНЯ** *а.* بنيه *ниг.* **буния**.

**бур** بر 1. *асоси замони ҳозира аз* **буридан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* буранда: **токбур**, **кисабур** *ва г.*

**БУР(Р)** *а.* بر *кит.* гандум.

**БУРАНДА** برنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **буридан**. 2. тез, гузаро; бурро: **теғи буранда**. 3. хайёте, ки бо чен карда буридани матоъ (*барои либос дӯхтан*) машғул аст, чокбур; ◊ **бурандаю даранда** касе, ки гапаш пуртаъсир аст, гапдон; **бурандаю дӯзанда** зани кордон.

**БУРАНДАГӢ** برندگى 1. амали буранда. 2. коргоҳи либосдӯзӣ, ки дар он матоъро барои либос мебуранд, коргоҳи чокбурӣ.

**БУРГАН** برگن *бот.* алафи худрӯи биёбонии танааш ғафс (*аз ҷинси шибоғ*).

**БУРГУТ** *т.* برگوت *зоол.* парандаи калонҷуссаи чанголдор аз оилаи бозҳои шикорӣ.

**БУРГУТБИНӢ** برگوتبينى он ки бинии миёнаш дӯнгу нӯгаш хамида дорад: **ҷавони бургутбинӣ**.

**БУРҒУ** *т.* برغو шохи дарунхолӣ, ки монанди буғ менавозанд, шайпур, буғ.

**бурд** برد *асоси замони гузашта аз* **бурдан**.

**БУРД** I برد 1. он чи дар бозии лотерея, вомбарг *ва г.* ба даст медароя; он чи дар қимор мебуранд; *муқоб.* **бохт**: **пули бурд**. 2. нафъ, фоида, суд; **бурду бало** суду зиён; **бурду бохт** ғолибият ва мағлубият; бурдан ва бой додан; **бурд кардан** ғалаба кардан, ғолиб шудан.

**БУРД** II برد навъе аз матои катонии рах-рах, ки беҳтарини он бурди яманӣ ҳисоб мешуд.

**БУРДА** I برده *сифати феълии замони гузашта аз*

**бурдан**: **бурда мондан, бурда расондан**.

**БУРДА** II بُرده пора, тикка, буридае, қисме аз хӯрок**: як бурда нон, як бурда гӯшт; бурда-бурда** порчаҳои зиёд, пора-пора.

**БУРДАГӢ** بردگی *сифати феълии замони гузаштаи шакли дуюм аз* **бурдан** II; **тарафи бурдагӣ** сӯи ғолиб, ҷониби дастболо.

**БУРДАН** I بردن 1. аз ҷое ба ҷое интиқол додан (*хоҳ бардошта, хоҳ кашида ва хоҳ ба пои худ*), *муқоб.* **овардан**. 2. гузоштан, дароз карда расондан (*мас.*, *дастро ба китф, гӯшаки телефонро ба гӯш ва г.).*3. гунҷидан, гунҷоиш додан. 4. шунавондан, хабар додан, расондан: **паём бурдан, хабар бурдан**. 5. ситондан, рабудан, кашида гирифтан. 6. *феъли ёридиҳанда дар феълҳои таркибии номӣ ва феълӣ*: **бахра бурдан, гирифта бурдан, гумон бурдан, истифода бурдан, мубориза бурдан, ном бурдан, пай бурдан, паноҳ бурдан, рашк бурдан, ҳасад бурдан**; ◊ **ақлу ҳуши** *касеро* **бурдан** а) касеро аз ақл бегона кардан, девона кардан; б) касеро мафтуни худ гардондан, шефта сохтан; **дили** *касеро* **бурдан** шефта кардан, мафтун сохтан; ошиқ гардонидан; **сабқат аз** *касе* **бурдан // гӯйи сабқат бурдан** пешдастӣ доштан, бартарӣ доштан (*аз касе дар коре*); **умр ба сар бурдан** зистан; **чашми** *касеро* **бурдан** аз шиддати равшанӣ ва дурахшонии чизе пеши чашми касе тира шудан, чашмро хира кардани чизе; **ба кор бурдан** истифода кардан, кор фармудан; **ба сар бурдан** аз сар гузарондан, паси сар кардан; **ба тороҷ бурдан** ғорат кардан, ба яғмо бурдан, тороҷ кардан.

**БУРДАН** II بردن 1. ғолиб омадан, барор ёфтан, омад кардан дар ягон бозӣ, *муқоб.* **бохтан**; **мусобиқаро бурдан** ғолиб омадан дар мусобиқа. 2. нафъ дидан, фоида ёфтан: **харидӣ –бурдӣ, фурӯхтӣ – мурдӣ** (*зарб.*).

**БУРДБОР** بردبار босабру тоқат, тоқатовар.

**БУРДБОРӢ** بردباری сабру таҳаммул, бардошт, тоқат; **бурдборӣ кардан** сабру таҳаммул кардан, тоқат овардан.

**БУРДНОК** بردناک бурд дошта, дорои бурд; ҳаққи иштирок дошта дар бозиҳои барои бурдани пул ташкилёбанда: **вомбарги бурднок, пасандози бурднок**.

**БУРДУОВАРД** بردوآورد муовиза, муомила; додану гирифтани тӯҳфа ва молу чиз дар тӯйҳо; **бурдуовард кардан** а) доду гирифт кардан; б) *маҷ., гуфт.* баҳсу мунозира кардан.

**БУРЖУАЗИЯ** *фр.* برژوازیه синфи ҳукмрони ҷамъияти сармоядорӣ, ки воситаи истеҳсолот дар моликияти хусусии ӯ мебошад ва аз ҳисоби даромади меҳнати кироя умр ба сар мебарад; **буржуазияи майда** табақае дар ҷамъияти сармоядорӣ, ки воситаи маҳдуди истеҳсолот моликияти хусусии он буда, аз меҳнати кироя кам истифода мебарад ва ё тамоман истифода намебарад, майдабуржуазия.

**БУРЖУАЗӢ** برژوازی *мансуб ба* **буржуазия**: **давлати буржуазӣ, мафкураи буржуазӣ**.

**БУРЗ** برز *кит.* 1. боло, баландӣ. 2. қад, қомат; **бурзу боло** қадду қомати расо, баланд.

**БУРИДА** بریده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **буридан**. 2. чизи буридашуда, қатъгардида; **мӯи бурида** мӯи кӯтоҳшуда; **либоси бурида (бурида монда)** матои ба андоми касе чен карда қайчизада, ки ҳанӯз дӯхта нашудааст; **бурида гаштан** аз болои ҷое гузаштан (*мас.*, *роҳе роҳи дигарро*); ҷоеро миёнабур карда гузаштан, убур кардан аз мавзее; **бурида шудан** а) қатъ ёфтан; хомӯш шудан(-и гуфтугузор, тирпарронӣ); б) якбора тамом шудан, дафъатан хотима ёфтани чизе ё коре; ◊ **оши бурида** оши угро; **бурида-бурида** канда-канда, бо фосила; **бурида гардидани пои рафтуомад** қатъ гардидани рафтуомад; канда шудани робита.

**БУРИДАН** بریدن 1. чизеро бо ягон олоти тезу буранда ба ду ҳисса ё зиёда аз он ҷудо кардан; пора кардан, қатъ кардан; чок кардан, тилим кардан; **гул буридан** а) гул кандан; б) нақшу нигор баровардан (*дар рӯи чизе*); в) *тиб.* амалиёти махсуси тиббӣ барои пешгирии саросарии бемории нағзак, ки асосан кӯдакон ба он гирифтор мешаванд; **обро буридан** а) буридани об ҳангоми шиноварӣ бо дасту по; б) *киноя* аз шиноварӣ кардан; **сар буридан** сар аз тан ҷудо кардан; касеро куштан; **ток буридан** дар аввали баҳор буридани нардҳои зиёдатӣ ва хушкшудаи ток. 2. аз рӯи андозае қайчӣ кардани матоъ. 3. чен карда, зиёдатиашро гирифтан, кам кардан: **замини** *касеро* **бурида, ба** *касе* **додан, обро аз** *касе* **бурида, ба** *касе* **додан**. 4. ҷароҳат пайдо кардан, тилим-тилим гаштан (-и рӯи забон аз шиддати туршӣ ё ширинӣ, даст аз оҳак *ва г.*). 5. турш шудани шир; ◊ **муносибатро буридан**

муносибатро кандан, қатъи робита кардан, тарки алоқа кардан; **ошноиро буридан** аз касе қатъи ошноӣ кардан, хотима додан ба дӯстӣ; **миёни** *чизеро* **буридан** чизеро ба давом додан нагузоштан, давоми чизеро қатъ кардан (*мас., сухан, ҷанҷол, машқ, сӯҳбатро*); **пои худро аз ҷое буридан** рафтуоро ба ҷое тарк кардан; **сухани** *касеро* **буридан** касеро аз суханаш боздоштан, сухани касеро қатъ кардан, ба мобайни гапи касе даромадан.

**БУРИШ** برش 1. *исми феълӣ аз* **буридан**. 2. либосбурӣ, чокбурӣ; тарзу шакли буридану дӯхтани либос.

**БУРИШГОҲ** برشگاه ҷои ҳамдигарро бурида гузаштан: **буришгоҳи роҳ**.

**БУРҚАЪ** *а.* برقع *кит.* сарбанди занон; чашмбанд, пардаи рӯйпӯши занон, рӯбанд, ниқоб.

**БУРМА** برمه *лаҳҷ.* чин, оҷинг, қат (*мас., дар либос*); **бурма-бурма** пурчин; қату пат; ноҳамвор; **бурма шудан** а) чиндор шудан; б) ноҳамвор шудан, уреб шудан ва кашида истодани либос; **даҳонро бурма кардани** *чизе* даҳони инсонро хушк кардан ва афшурдани чизҳои турш ё бо таъми хос (*аз қабили* пӯсти анор, баъзе навъи хурмо *ва г.*); **рӯй (лаб, лунч)-ро бурма кардан** рӯй турш кардан (*чун изҳори норизоӣ*).

**БУРНУС** *ю.* برنوس 1. *кит.* либосе шабеҳи боронӣ, ки кулоҳи он пайванд бо либос аст ва бештар рӯҳониёни масеҳӣ мепӯшиданд. 2. навъи кулоҳи баланд, ки бештар дарвешон ё масеҳиён мепӯшиданд.

**БУРОҚ** *а.* براق 1. номи аспи Муҳаммади пайғамбар (с), ки дар шаби меъроҷ савори он аз Макка то ба Байтулмуқаддас ва аз он ҷо ба осмон рафтааст. 2. *маҷ.* асп.

**БУРРО** برا 1. буррон, бур(р)анда, тез, қотеъ: аслиҳаи буро: **теғи бурро**. 2. *маҷ.* фасеҳ, фаҳмо, возеҳ, аниқ; гӯё: **забони бурро**, **нутқи бурро**, **бурро гап задан**, **бурро ва беғалат хондан**; **бурро-бурро** якта-якта, фаҳмо (*хондан, гап задан*); **шоҳиди бурро** шоҳиди гапдон, гувоҳи гапаш пухтаю асоснок.

**БУРРОГӢ** براگی *ниг.* **бурроӣ**.

**БУРРОӢ** برايي 1. тезӣ, қобилияти буридан доштан, бурро будан. 2. фасеҳӣ, возеҳӣ; гӯёӣ; фаҳмо гап задан.

**БУРРОН** بران *ниг.* **бурро** 1.

**БУРС** برس *бот.* арча.

**БУРУДАТ** *а.* برودت *кит.* сармо, хунукӣ, сардӣ.

**БУРУДӮЗ** برودوز 1. буридан ва дӯхтани либос. 2. аз сари нав дӯхтани либос.

**БУРУЗ** *а.* بروز *кит.* зуҳур, зоҳир шудан, падидоӣ, ошкор гаштан; **буруз кардан** зоҳир шудан, намоён гаштан.

**БУРУН** برون *шакли дигари* **берун**.

**БУРУНА** برونه *ниг.* **беруна**.

**БУРУНАФКАНӢ** برونافکنی *ниг.* **берунафканӣ**.

**БУРУНӢ** برونی *ниг.* **берунӣ**.

**БУРУНМАРЗӢ** برونمرزی *ниг.* **берунмарзӣ**.

**БУРУНРЕЗ** برونریز *биол.* хусусияту вежагии ғадуде, ки баровардаҳои худро берун мерезад; *муқоб.* **дарунрез**.

**БУРУНСӮ** برونسو сатҳ ё бахши хориҷии чизе; *муқоб.* **дарунсӯ**.

**БУРУНШАҲРӢ** برونشهری *ниг.* **беруншаҳрӣ**.

**БУРУТ** بروت мӯйлаб, сибил: **бурути сиёҳ**, **бурут мондан**, **бурут тоб додан (тофтан)**; ◊ **боди бурут** ҳавобаландӣ; **имои бурут** ишорати ноаёну мағрурона, супориш бо имову ишора; **буруташро табар намебурад** мағрур, ҳавобаланд аст.

**БУРУТӢ** بروتی мӯйлабдор, сибилӣ.

**БУРУФА** بروفه *кит.* фӯта; рӯймоли миён.

**БУРУҶ** *а.* بروج *ҷ.* **бурҷ**.

**БУРҲОН** برهان далел; ҳуҷҷат, санад, далели қотеъ; **амри бадеҳиро ҳоҷати бурҳон нест** (*мақ.*) коре, ки худ аз худ равшан аст, ба исбот ҳоҷат надорад; **бурҳони қотеъ** а) далел ва санади қатъӣ, далели раднашаванда; б) «**Бурҳони қотеъ**» номи луғати маъруфи тафсирӣ, ки Муҳаммад Ҳусайн ибни Халафи Табрезӣ мутахаллис ба Бурҳон дар соли 1652 таълиф кардааст.

**БУРЧАК** *т.* برچک *гуфт.* кунҷ, кунҷак [*аслаш* **бурҷак**]: **бурчаки сандалӣ, бурчаки хона**.

**БУРҶ** *а.* برج 1. бинои манорашакле, ки барои дидбонӣ ва ё ҳамчун нишони махсуси роҳ (-и киштигардӣ) месозанд; бинои манорамонанди мустаҳкам, ки дар гӯшаҳои қалъа ва ҳисор сохта мешуд: **бурҷи қалъа**, **соати бурҷи Кремл**; **бурҷи фонус** манораи фонусҳои лаби дарёву баҳр, ки ҳамчун роҳнамо хизмат мекунад. 2. кунҷ, гӯша: **бурҷи девор**, **бурҷи хона**, **бурҷи ҳавлӣ**. 3. *нуҷ.* ҳар як аз дувоздаҳ галаситораҳои осмонӣ, ки офтоб дар тӯли як

сол дар атрофи онҳо давр мезанад ва соли тақвими шамсӣ мутобиқи онҳо ба моҳҳо тақсим мешавад (Ҳамал, Савр, Ҷавзо *ва г.*).

**БУРҶСОЗӢ** برجسازی сохтани бурҷ, бунёди бурҷҳои баланд дар шаҳрҳо.

**БУРЯТ** بریت 1. номи халқе, ки аксари аҳолии Бурятистон (дар ҳайати Русия)-ро ташкил медиҳад. 2. нафаре аз аҳолии Бурятистон.

**БУРЯТӢ** بریتی *мансуб ба* **бурятҳо**: **забони бурятӣ**.

**БУССАД** *а.* بسّد *кит.* марҷон; **ду буссад** *киноя аз* ду лаби маҳбуба.

**БУССАДИН** بسّدین *кит.*, *мансуб ба* **буссад**; марҷонӣ, аз марҷон сохташуда.

**БУСТОН** بستان *ниг.* **бӯстон**.

**БУТ** بت 1. ҳайкали филизӣ ё аз чӯбу санг тарошидаи инсон ё ҳайвон, ки бутпарастон ба он ибодат мекунанд, санам. 2. *маҷ.* маъшуқаи соҳибҷамол, нигори нозанин: **бути нозанин**, **бути соҳибҷамол**.

**БУТАЛА** بوتله шутурча, шутурбача.

**БУТАФОРИЯ** *ит.* بوتفاریه ашё ва асбобу анҷомҳои сохтае, ки барои саҳнае дар театр ва ташкили витринаи мағоза истифода мебаранд.

**БУТАФОРӢ** بوتفاری *мансуб ба* **бутафория**.

**БУТГАР** بتگر он ки аз филиз ё сангу чӯб ҳайкали санам мерехт ё метарошид, бутсоз.

**БУТГАРӢ** بتگری амал ва шуғли бутгар.

**БУТЕМОР** بوتیمار *ниг.* **бутимор**.

**БУТЕРБРОД** *англ.* بوتیربراد *хӯр.* бурдаи нон, ки ба рӯяш ҳасиб ё панир дорад ва ё равғани маска молида шудааст.

**БУТИМОР** بوتیمار *кит.* як хел мурғи сафедранги лаклакмонанди моҳихӯр, ки дар канори об зиндагӣ мекунад.

**БУТКАДА** بتکده *ниг.* **бутхона**.

**БУТЛОН** *а.* بطلان *ниг.* **батлон**.

**БУТПАРАСТ** بتپرست парастишкунандаи бутҳо, санампараст.

**БУТПАРАСТӢ** بتپرستی ақидаи диние, ки пайравони он ба бутҳо ҳамчун таҷассуми худоҳо ибодат мекунанд, парастиши бутҳо.

**БУТПАРАСТОНА** بتپرستانه ба шева ва рафтори бутпарастон.

**БУТСОЗ** 1. *ниг.* **буттарош**. 2. он ки ба хотири аз ҳад зиёд дӯст доштан ё парастидани чизе ё касе онро дар зеҳни худ ба як мавҷуди парастиданӣ табдил медиҳад.

**БУТТА** بتّه 1. растании сершоху барги кӯтоҳпоя, ки қариб аз наздики решааш шох меронад. 2. поя, бех; нумератив дар шумури растаниҳои қадпаст: **буттаи гул**, **буттаи хор**.

**БУТТАБУР** بتّهبور *нав.* қайчии махсус барои бурида кӯтоҳ кардани буттаҳо (-и ороишӣ), қайчии ороиши буттаҳо.

**БУТТАГӢ** بتّگی *мансуб ба* **бутта**.

**БУТТАДЕВОР** بتّهدیوار *нав.* қатори зичи бутта ё дарахтони баландиашон якхела, ки вазифаи деворро иҷро мекунад.

**БУТТАЗОР** بتّهزار ҷои сербутта, макони рӯидани буттаҳои бисёр.

**БУТТАРОШ** بتتراش бутсоз, он ки кораш сохтани бутҳои чӯбӣ, филизӣ, сангӣ *ва г* аст.

**БУТТАРОШӢ** بتتراشی амали буттарош; бутсоз.

**БУТУН** I *т.* بتون 1. том, комил; нони бутун нони нашикаста; тухми **бутун** тухми дуруст, тухми солим; **як рӯзи бутун** тамоми рӯз, рӯзи дароз; **бутун будан** дуруст будан, бенуқсон будан. 2. тамоман, комилан, пурра; ◊ **адади бутун** *риёз.* адади ба ҳиссаҳо тақсимнашуда, адади яклухт (чун 1, 7, 20).

**БУТУН** II بطون *ҷ.* **батн**.

**БУТУН** III بطون *кит.* пӯшида; пӯшидагӣ, нуҳуфтагӣ; **зуҳур ва бутун** зоҳир шудан ва пинҳон шудан.

**БУТХОНА** بتخانه ибодатхонаи бутпарастон, буткада.

**БУТШИКАН** بتشکن 1. он ки бут мешиканад. 2. *маҷ.* риоятнакунанда ба расму русум ва анъанаҳо.

**БУФЕР** *англ.* بوفیر қисмҳои махсуси зарбагир дар пешу паси вагон, автомобил *ва г.*, ки вақти тасодум шиддати зарба ё таконро кам мекунад.

**БУФЕТ** *фр.* بفیت ҷои фурӯши хӯрокҳои сабук ва нӯшобаҳо дар мактабу идораҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ; шӯъбаи фурӯши машрубот ва газакҳо (*дар ошхонаву ресторанҳо*): **буфети истгоҳи роҳи оҳан**, **буфети мактаб**.

**БУФЕТЧӢ** بفیتچی *гуфт.* фурӯшанда-корманди буфет.

**БУХГАЛТЕР** *олм.* بخگلتیر *ниг.* **ҳисобдор**.

**БУХГАЛТЕРИЯ** *олм.* بخگلتیریه *ниг.* **ҳисобдорӣ**.

**БУХГАЛТЕРӢ** بخگلتیری *мансуб ба* **бухгалтер** ва **бухгалтерия**.

**БУХЛ** *а.* بخل 1. *кит.* бахилӣ, хасисӣ, мумсикӣ. 2. ҳасудӣ, нотавонбинӣ.

**БУХОР** *а.* بخار заррачаҳои об дар шакли газ, ки бо таъсири гармӣ аз об, замини нам, дарахтон, бадани инсону ҳайвон *ва г.* ҷудо мешаванд; буғ, ҳавр; **бухори** *чизе* **баромадан**.

**БУХОРИГӢ** بخاریگی *мансуб ба* **бухорӣ II**; хоси сокини Бухоро: **ширинсуханиии бухоригӣ**.

**БУХОРИДӮХТ** بخاریدوخت ба тарзи хоси бухороиҳо дӯхташуда, тарзи буришу дӯхтанаш ба бухороиҳо хос: **мӯзаи америконии бухоридӯхти пошнабаланд, телпаки бухоридӯхт**.

**БУХОРИСОЗ** بخاریساز он ки ба сохтани бухорӣ машғул аст, устои бухорӣ.

**БУХОРИСОЗӢ** بخاریسازی 1. амал ва шуғли бухорисоз. 2. ҷои бухорисозӣ.

**БУХОРӢ** I بخاری 1. *мансуб ба* **бухор**; ба воситаи буғ коркунанда, буғӣ: **мошини бухорӣ**, **киштии бухорӣ**. 2. оташдони рӯкушодаи мӯридор, ки мисли тоқча дар девори хона барои гарм кардани он месозанд, манқал.

**БУХОРӢ** II بخاری *ниг.* **бухоройӣ**.

**БУХОРКУНАК** بخارکنک *ниг.* **буғкунак**.

**БУХОРМОНАНД** بخارمانند шабеҳи бухор, ба буғ монанд, мисли ҳавр.

**БУХОРОЙӢ** بخارای *мансуб ба* **Бухоро**; аҳли Бухоро; **тангаи бухоройӣ** *таър.* тангаи зарби Бухоро.

**БУХОРОЛУД** بخارآلود бухордор, омехта бо бухор.

**БУХОРПАЗ** بخارپز 1. абзори барқӣ барои пухтани хӯрок ба воситаи бухор. 2. таоми дар бухор пухташуда.

**БУХОРХОНА** بخارخانه 1. бино, хона, ё қисме аз мошинҳо, ки дегҳои бухор дар он ҷо гирифтаанд. 2. хонаи гарми махсус дар ҳаммом, ки одамон худашонро буғ медиҳанд. 3. шӯъбаи махсус дар корхонаҳо барои ба воситаи буғ хушконидани маҳсулот (*мас.*, *маснуоти оҳану бетонӣ дар комбинати хонасозӣ ва г.*).

**БУХОРХУДОТ** بخارخدات [*соҳиби* **Бухоро**], *таър.* унвони ҳокимони давлати Бухоро дар асрҳои 7-8.

**БУХС** بخس *гуфт.*, *аслаш* **буғз**.

**БУХТӢ** بختی шутури дукӯҳонаи пашмаш сурхтоб.

**БУХТУР** بختور *кит.* раъд, тундар, бахтур.

**БУХУР** *а.* بخور моддаҳои самғии дудашон хушбӯй (*аз қабили* уд, мушк, анбар, лодан *ва г.*); **бухур кардан** моддаи хушбӯеро сӯзонда, дуди онро баровардан.

**БУХУРДОН** بخوردان зарфи филизӣ барои дуд кардани хушбӯиҳо дар ибодатхонаҳои насронӣ, миҷмар.

**БУҲАЙРА** *а.* بحیره *кит.* кӯл.

**БУҲУР** *а.* بحور *ҷ.* **баҳр** I.

**БУЧА** بچه *лаҳҷ.* хоҳари калонӣ [*аслаш* **бибича**].

**БУЧЧА** بچه :гӯши бурида, гӯшҳои кӯтоҳкардашуда.

**БУҶЕТ** *фр.* بوجیت рӯйхати даромад ва хароҷоти давлат ё муассисае барои муддати муайян; маҷмӯи дахлу харҷи шахсии ягон кас, будҷа, будҷет: **буҷети давлатӣ**, **буҷети маҳаллӣ**.

**БУҶЕТӢ** بوجیتی *мансуб ба* **буҷет**; **гурӯҳи буҷетӣ** гурӯҳе, ки хароҷоти таҳсили донишҷӯёни он аз ҳисоби буҷети давлатӣ пардохта мешавад.

**БУҶӢ** بوجی *гуфт.* чизи хаёлии бадҳайбат, ки барои тарсондани кӯдакон номи онро мегиранд, алобуҷӣ.

**БУҶУЛ** بجول//بجل 1. *ниг.* **буҷулак**. 2. устухони суфтаи лӯндаи соқи гӯсфанд ё буз, ки бо он қимор мебозанд; **буҷул задан** буҷулбозӣ кардан; ◊ **буҷули** *касе* **олчи хестан** муваффақият пайдо кардан, барор ёфтани кори (*одатан ношоиста ва ҳаром*) касе; бахти касе тофтан.

**БУҶУЛАК** بجولک *тиб.* устухони банди байни соқу пой, шитолинг: **буҷулаки пой**.

**БУҶУЛБОЗ** بجلباز он ки дар буҷулбозӣ иштирок мекунад; қиморбоз.

**БУҶУЛБОЗӢ** بجلبازی бозии қимор, ки дар он буҷулро ҳамчун мӯҳра истифода мебаранд.

**БУҶҶАК** بجک *гуфт.* пажмурда; фарсуда, фартут: **кампири уҷҷаку буҷҷак**.

**БУШ** بش *кит.* мӯи гардани асп, ёл.

**БУШОЛ** بشال *бот.* растании буттагӣ ё печон, ки гулчаҳои хушбӯй дорад.

**БӮ//БӮЙ** بو//بوی бухори нонамоёне, ки аз чиз ва моддаҳои гуногун ҷудо шуда, дар ҳаво паҳн мегардад ва ба воситаи бинӣ - қувваи шомма ҳис мешавад, роиҳа: **бӯи бад**, **бӯи гул**, **бӯи**

**тунд, бӯи ғализ**; **бӯй гирифтан** бадбӯй шудан, бӯи бад пайдо кардан (*дар натиҷаи пӯсиш ва г.*); **бӯ гирондан** паҳн кардани бӯи бад дар ҷое; **бӯй кардан** а) бо қувваи шомма эҳсос кардан, бӯидан; б) пӯсида бӯй пайдо кардан, гандида бӯйнок шудан; **бӯ(й) кашидан** бӯидан, шамидан, бӯй кардан; **бӯ гирифтани саг** изи чизеро аз рӯи бӯ дарёфтани саги пайгир; ◊ **рангу бӯ(й)** тароват, тару тозагӣ; сарсабзӣ, зебоӣ; **бӯй бурдан** *(аз чизе ё чизеро)* чизеро пай бурдан; аз ягон сирри ниҳонӣ андаке огоҳӣ ёфтан; **бӯи пилта баромадан** ошкор шудан, фош гардидани сирре; **бӯи тафт кардан (баровардан)** *гуфт.* а) чизе пухтан; б) чизе пухта худоӣ кардан; **бӯи** *чизе* **омадан** (*аз чизе ё касе*) зоҳир шудан, маълум шуда истодан (-и нишону аломати чизе ё коре аз чизе, касе); **бӯи** *чизеро* **баровардан** ошкор кардан (*сирреро*); маълум кардан (*кореро*); **бӯи шир омадан аз даҳони** *касе* ҳанӯз бача будан; **аввал гиребонатонро бӯй кунед**… аввал вазъ ва чигунагии худро санҷед… (*дар мавриди айбгирӣ ба айбгир гуфта мешавад*); **бӯи умед ҳаст** ба иҷро шудани коре андак умед ҳаст.

**БӮБУРД** بوبرد *кит.* булбул, андалеб.

**БӮГАН** بوگن *ниг.* **бугон**.

**БӮГАНД** بوگند бӯи бисёр бад, бӯи гандида.

**БӮГИН** بوگین *гуфт.* бӯйнок, бадбӯй.

**БӮГИР** بوگیر дорои бӯйфаҳмии хос; **саги бӯгир** а) саги хизмати низомӣ, ки барои бо бӯй дарёфтани пайи касе ё чизе таълим дода шудааст, саги пайгир; б) *маҷ.* ҷосус, хабаркаш.

**БӮГИРИФТА** بوگرفته *ниг.* **бӯйгирифта**.

**БӮҒУРСОҚ** *т.* بوغرساق *гуфт.* хамирлӯндаҳои ширу тухмдори дар равған бирёнкарда, ки ҳамчун хӯрдании маросимӣ дар иду тӯйҳо истеъмол мекунанд, орзуқ.

**БӮҒЧА** بوغچه чизҳои ба чодар басташуда (*хусусан либосҳо*), банд, баста, тугунча; **як бӯғча** як банд; **буғча кардан** ба чодар бастан, дар чодар баста мондан (*бо мақсади гун кардани либосу либосворӣ*); **сарфа кунам, сагон баранд, бӯғча кунам, мушон хӯранд** (*зарб.*); ◊ **буғчаи худро бардоштан** чизу чораи худро бардошта рафтан.

**БӮҒЧАБАНДӢ** بوغچه‌بندی ба буғҷома бастани чизу чора, бӯғча кардан.

**БӮҒЧАБАРДОР** بوغچه‌بردار он ки бардошта гаштан ё бурдану овардани бӯғчаҳо ба зиммаи ӯ мебошад (*дар маросимҳо*).

**БӮҒЧАДОР** بوغچه‌دار нигаҳбони либосҳои ба ҳаммом дохилшудагон.

**БӮҒЧАЗАДА** بوغچه‌زده матоъ ё либосе ки дар натиҷаи ҳамчун бисот дар бӯғча бисёр нигоҳ доштан кӯҳна ва изи қатҳояш намерафтагӣ шудааст.

**БӮҒЧАПЕЧ** بوغچه‌پیچ порчаи матои чоркунҷа барои бӯғча карда бастани либосҳо, буғҷома.

**БӮДИҲАНДА** بودهنده он чи, ки бӯй (-и нохуш) ба атроф паҳн мекунад; бӯйдор; бӯйгирифта.

**БӮДОР** بودار *ниг.* **бӯйдор**.

**БӮЁ** بویا бӯйдиҳанда; хушбӯ, муаттар.

**БӮЗА** بوزه шаробе, ки аз ширaи резаҳои биринҷ, арзан ва ё ҷав дастӣ тайёр карда мешавад: **бӯза хӯрдан**.

**БӮЗАХОНА** بوزه‌خانه ҷое, ки дар он бӯза тайёр мекарданд.

**БӮЗАХӮР** بوزه‌خور он ки бӯза менӯшад, истеъмолкунандаи бӯза.

**БӮЗАХӮРӢ** بوزه‌خوری *исми амал аз* **бӯза хӯрдан**; истеъмоли бӯза.

**БӮЗБАЛА** *т.* بزبله *гуфт.* 1. марди тануманд, ҷавони ҳузабр, паҳлавони далеру бебок. 2. олуфта, ҷавонмард.

**БӮЗИНА** بوزینه маймун, ҳамдуна.

**БӮЗИНАГӢ** بوزینگی *мансуб ба* **бӯзина**; ба бӯзина хос; ◊ **дӯстии бӯзина кардан** кореро ба нафъи касе гумон бурда, иҷро кардан, ки дар асл бар зарари ӯст; *муқ.* **хизмати хирсона**.

**БӮИДАН** بوئیدن ба воситаи қувваи шомма бӯй ҳис кардан, бӯй кардан, шамидан, бӯй кашидан.

**БӮЙ** بوی *ниг.* **бӯ**.

**БӮЙБАР** بوی بر *нав.* модда ё асбоб барои нест кардани бӯи бад.

**БӮЙБАРӢ** بوی‌بری аз байн бурдани бӯи чизе (*ба воситаи маводи бӯйбар*).

**БӮЙГИР** بویگیر *ниг.* **бӯгир**.

**БӮЙГИРИФТА** بوگرفته *сифати феълии замони гузашта аз* **бӯ(й) гирифтан**; бадбӯйгардида, бӯи бад пайдокарда (*аз пӯсиш ва г.*): **гӯшти бӯйгирифта**, **моҳии бӯйгирифта**.

**БӮЙДОР** بویدار бӯйдиҳанда; хушбӯ, муаттар.

**БӮЙКАШӢ** بویکشی *исми амал аз* **бӯ кашидан**;

бӯидан, бӯида дидан.

**БӮЙМОДАРОН** بویمادران *бот.* гиёҳи соқабаланде, ки гулҳои хӯшагии сафед дорад ва дар тиб ба кор меравад.

**БӮЙНОК** بویناک 1. *ниг.* **бӯйдор**. 2. бадбӯй, дорои бӯи нохуш: **ботлоқи бӯйнок**.

**БӮҚ** بوق 1. аз созҳои бодӣ, ки навъи қадимии он аз шох буда, овози шахсро баланд мекардааст. 2. шайпури шикориён.

**БӮҚӢ** بوقی 1. он ки бӯқу шайпур менавозад, шайпурзан. 2. ба шакли бӯқ, монанди бӯқ. 3. гули шайпурӣ.

**БӮҚАЛАМУН** بوقلمون 1. яке аз оилаҳои хазандагони сусмормонанди кишварҳои гарм, ки ранги пӯсташонро вобаста ба муҳит тағйир медиҳанд. 2. *мач.* рангоранг; **мурғи бӯқаламун** мурғи марҷон. 3. *мач.* шахси ноустувор, фикру қарори худро зуд тағйирдиҳанда.

**БӮҚАЛАМУНӢ** بوقلمونی *мансуб ба* **бӯқаламун**; монанди бӯқаламун.

**БӮҚАЛАМУНСИФАТ** بوقلمونصفت ба монанди бӯқаламун; сифату ҳолати бӯқаламунро дошта.

**БӮҚАЛАМУНСИФАТӢ** بوقلمونصفتی амал ва рафтори шахсе, ки фикру қарори худро ҳар лаҳза дигар мекунад.

**БӮЛАК** *т.* بولک *гуфт.* пора, бурда; қисм, қитъа; **бӯлаки замин** қитъаи замини ҳамвор; **бӯлак-бӯлак кардан** пора-пора кардан, ба порчаҳои хурд ҷудо кардан, майда кардан, реза кардан; **ду бӯлак кардан** ба ду қисм ҷудо кардан, ба ду ҳисса тақсим кардан.

**БӮР** I بور порчаи оҳаксанги нарм, ки дар мактабҳо барои дар тахтаи синф навиштан ба кор мебаранд, табошир.

**БӮР** II بور ранги сурхи сиёҳтоб; қаҳваӣ; **аспи бӯр** аспи тӯруқ.

**БӮРА** بوره *хим.* моддаи намакмонанд, ки дар тиб ва саноат ба кор мебаранд; танакор.

**БӮРАБРАШ** بورابرش *кит.* аспи сурх, ки нуқтаҳои мухолифи ранги асосии худро дорад, тӯруқи холдор, аспи аблақ.

**БӮРАК** بورک *кит.* 1. мағори нон, пӯпанак. 2. самбӯса.

**БӮРДОҚӢ** *т.* برداقی гӯсфанди махсус барои гӯшту равған парво ва фарбеҳшуда; чорпои парвой; **бӯрдоқӣ кардан** парвариш кардан, фарбеҳ кунондан.

**БӮРЁ** بوریا мафраше, ки аз найи кӯфта бофта шудааст ва одатан барои нагузаронидани намӣ аз таги палос паҳн мекунанд, ҳасир; ◊ **каждуми таги бӯрё** душмани маккори пинҳонӣ.

**БӮРЁБОФ** بوریاباف бофандаи бӯрё, бӯрёсоз.

**БӮРЁБОФӢ** بوریابافی касбу шуғли бӯрёбоф, бофтану сохтани бӯрё.

**БӮРЁӢ** بوریائی аз бӯрё сохташуда; бӯрёпеч.

**БӮРЁКӮБОН** بوریاکوبان зиёфате, ки ба шарафи кӯчидан ба хонаи нав ба дӯстон медиҳанд: **бӯрёкӯбон кардан**.

**БӮРЁПЕЧ** بوریاپیچ бо бӯрё печондашуда; **хонакӯчу бӯрёпеч** бо тамоми чизу чораи хона, ҳамаи ашёи хонаро ҳамроҳ гирифта.

**БӮРЁПУЛӢ** بوریاپولی *таър.* пуле, ки дар мактабҳои кӯҳна аз падару модари талабагон барои харидани бӯрёву палоси дарсхона мегирифтанд.

**БӮРЁПӮШ** بریاپوش *кин.* одами ниҳоят камбағал.

**БӮРЁЧА** بوریاچه бӯрёи хурд.

**БӮРИКАЛЛА** بوریکله навъи харбузаи кулӯла ва алобулои пешпазак.

**БӮРОН** بوران тундбоди барфу борон омехта (*одатан дар дашту биёбон*); ◊ **оромии пеш аз бӯрон** оромие, ки пас аз он талотуми фавқулодае рӯй доданаш аз эҳтимол дур нест.

**БӮРОНӢ** بورانی *мансуб ба* **бӯрон**; ба бӯрон хос; **абри бӯронӣ** абри сиёҳи бӯроновар.

**БӮРОНОВАР** بورانآور :**абри бӯроновар** абри сиёҳе, ки боиси хестани бӯрон мегардад, абри бӯронӣ.

**БӮРРАНГ** بوررنگ ба ранги бӯр, сурхи сиёҳтоб.

**бӯс** بوس 1. *асоси замони ҳозира аз* **бӯсидан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* бӯсанда: **дастбӯс**, **заминбӯс**, **остонбӯс** *ва г.*

**БӮС** بوس :**бӯсу канор** ба оғӯш кашидану бӯсидан.

**БӮСА** بوسه расонидани лаб ба рухсора, лаб ё дасти касе ё ба чизе ба нишонаи изҳори муҳаббат, эҳтиром ё навозиш: **бӯсаи гарм**, **бӯсаи ширин**, **бӯса гирифтан (додан, кардан)**; **бӯса фиристодан** дастро ба лаб расонда, аз

дур ба бӯса ишора кардан ба касе.

**БӮСААФШОН** بوسه‌افشان *кит.* касе, ки бисёр бӯса мекунад.

**БӮСАБОЗӢ** بوسه‌بازی бӯсидани якдигар ҳангоми ишқбозӣ.

**БӮСАБОРОН** بوسه‌باران бисёр бӯсидан касеро.

**БӮСАГИР** بوسه‌گیر гирандаи бӯса, бӯсарабо.

**БӮСАГОҲ** بوسه‌گاه *кит.* ҷои бӯсидан ҳамчун лаб, рӯй *ва г.*

**БӮСАРАБО** بوسه‌ربا *кит.* бӯсаситон, бӯсагир.

**БӮСАСИТОН** بوسه‌ستان он ки бӯса меситонад, бӯсарабо.

**БӮСАФИРЕБ** بوسه‌فریب касе ё чизе, ки аз лиҳози бисёр зебо будан диққатҷалбкунанда буда, бӯса талаб мекунад.

**БӮСАЧИН** بوسه‌چین бӯсакунанда, он ки бӯса мекунад.

**БӮСАҶОЙ** بوسه‌جای *ниг.* **бӯсагоҳ**.

**БӮСИДАН** بوسیدن бӯса кардан, муччӣ кардан; ◊ **замин бӯсидан** *кит.* таъзим кардан.

**БӮСОБӮС** بوسابوس бӯса кардани зиёд, бисёр бӯса кардан.

**БӮСОБӮСӢ** بوسابوسی бӯсиданҳо, бӯса карданҳо; **бӯсобӯсӣ кардан** бисёр бӯса кардан, зиёд муччӣ кардан (*хусусан якчанд кас*).

**БӮСТОН** بوستان 1. боғе, ки дорои меваю гулҳои фаровон ва сабзавоту полиз аст; боғи сабзу хуррам; гулистон, гулзор. 2. «**Бӯстон**»- номи китоби манзуми шайх Саъдии Шерозӣ (1184 -1292).

**БӮСТОНАФРӮЗ** بوستان‌افروز як навъ гиёҳи ороишӣ, ки хӯшагули ҷорӯбакии мисли гули тоҷихурӯс арғувониранг дорад, бахмалгул.

**БӮСТОНӢ** بوستانی *мансуб ба* **бӯстон**; дар бӯстон рӯида; боғӣ.

**БӮСТОНСАРО(Й)** بوستان‌سرا(ی) хонае, ки рӯи ҳавлиаш мисли боғу бӯстон сабзу хуррам аст, хонаи боғчадор; **бӯстонсарои ҳукуматӣ** кӯшки боҳашамати боғу роғдор, ки қароргоҳи ҳукумат мебошад.

**БӮТА** بوته зарфи аз гилбӯта сохташуда, ки дар он нукра, тилло *ва г.* об мекунанд.

**БӮТАБАНД** بته‌بند устои бӯтабандӣ.

**БӮТАБАНДӢ** بته‌بندی *тех.* рӯкаш кардани андаруни бӯта *ва г.* бо маводи оташбардор, аз ҷиҳати химиявӣ устувор ё гармоногузар.

**БӮТАҚОЛИБ** بته‌قالب *тех.* қолиби бӯтарезӣ.

**БӮТАНА** بوتنه :**лойи бӯтана** *лаҳҷ.* лойи шуррут.

**БӮТАСОЗ** بوته‌ساز созандаи бӯта, тайёркунандаи бӯта.

**БӮТАХИШТ** بوته‌خشت *тех.* навъи хишти оташбардор, ки дар сохтани бӯта ба кор мебаранд.

**БӮХЧА** بوخچه *гуфт.*, *ниг.* **бӯғча**.

**БӮҲРОН** *а.* بحران 1. *тиб.* лаҳзаи тағйири қатъӣ дар ҳолати бемор. 2. *с., иқт.* аз дараҷаи талабот зиёд истеҳсол кардани мол дар мамлакат, ки боиси вайрон шудани ҳаёти иқтисодӣ, кам шудани музди кор ва ба амал омадани бекорӣ мегардад: **бӯҳрони иқтисодӣ**; **бӯҳрони сиёсӣ** ошуфтагӣ, норозигӣ ва қаҳру ғазаби оммавӣ дар мамлакат; ҳолатест, ки «боло» дигар ба идора кардан ба тарзи кӯҳна қодир несту «поёниҳо» ба таври пештара зиндагӣ кардан намехоҳанд ва тағйир додани тарзи идора карданро талаб мекунанд; **бӯҳрони ҳукуматӣ** қисман ё тамоман ба истеъфо баромадани ҳукумат аз сабаби шикаст хӯрдани сиёсати он ё мухолифати ҳизбу гурӯҳҳои ҳукмрон ва ё зиддияти байни аъзои ҳукумат.

**БӮҲРОНӢ** بهرانی *мансуб ба* **бӯҳрон**; **вазъияти бӯҳронӣ**.

**БӮҲТОН** *а.* بهتان сухани бади ноҳақ дар бораи касе, тӯҳмат, ифтиро; **бӯҳтон гуфтан дар ҳаққи** *касе* қасдан пахн кардани хабари бардурӯғ бо мақсади беобрӯ кардани шахсе; **бӯҳтон задан ба** *касе* айби набудаи касеро ба вай нисбат додан.

**БӮҲТОНГӮӢ** بهتان‌گویی *исми амал аз* **бӯҳтон гуфтан**; тӯҳмат задан.

**БӮҲТОНГӮЙ** بهتان‌گوی он ки дар бораи касе сухани бади ноҳақ мегӯяд, тӯҳматкунанда.

**БӮҲТОНЗАН** بهتان‌زن он ки ба касе бӯҳтон мезанад; тӯҳматчӣ.

**БӮҲТОНОМЕЗ** بهتان‌آمیز бо бӯҳтон омезишдошта; тӯҳматомез(она): **сухани бӯҳтономез**.

**БӮШАҲРӢ** بوشهری *бот.* авлоди бутта ва дарахтҳои қадпасти ҳамешасабз, ки чун растании ороишӣ ва доруӣ парвариш мекунанд (рододендрон).

**БӮШИНОС** بوشناس фарқ ва ҷудокунандаи бӯйҳо; мутахассиси истеҳсолоти атриёт ба муайян кардани бӯйҳо.

**БӮЪД** *а.* بعد *кит.* дурӣ; фосила, андоза; **се бӯъди олам** тӯл, арз, умқ *киноя аз* тамоми ҷаҳон, сар то сари дунё.

**БӮЯ** I بویه *кит.* орзумандӣ; талаб, дархост.

**БӮЯ** II بویه :**оли Бӯя** *таър.* номи сулолаи подшоҳони қадими Дайлам (а. X).

**БӮЯНДА** بوینده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **бӯидан**; бӯйкунанда. 2. *кит.* бӯйдиҳанда, бӯйдор; бӯи хуш диҳанда.

**БЮЛЛЕТЕН** *ит.* بیولیتین 1. ахбори мухтасари расмӣ дар бораи воқеаҳое, ки аҳамияти ҷамъиятӣ доранд. 2. нашрияи даврии ягон соҳаи илм, ҷамъият *ва г.*; хабарнома.

**БЮРО** *фр.* بیورا 1. мақоми дастаҷамъии роҳбарикунандаи баъзе созмонҳо: **бюрои сиёсӣ**, **бюрои ҳизб**. 2. номи баъзе идора ва марказҳо: **бюрои обу ҳавосанҷӣ**, **бюрои тарроҳӣ**.

**БЮРОКРАТ** *фр.* بیوراکرت он ки ба хотири расмиятҳои ғайримуҳим ба моҳияти кор бепарвоӣ мекунад, расмиятгар, расмиятпараст.

**БЮРОКРАТИЗМ** *фр.* بیوراکرتیزم расмияти аз ҳад зиёд ва бемаврид дар иҷрои корҳои давлатию ҷамъиятӣ, расмиятпарастӣ.

**БЮРОКРАТИЯ** *фр.* بیوراکرتیه 1. *ниг.* **бюрократизм**. 2. *с.* амалдорони расмиятпараст.

**БЮРОКРАТӢ** بیوراکرتی *мансуб ба* **бюрократ ва бюрократизм**; расмиятпарастӣ; **муносибати бюрократӣ** муносибат аз рӯи бюрократизм.

# В

**В** *ҳарфи сеюми алифбои ҳозираи тоҷикӣ; дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ ҳарфи* вов *(و)*; *дар ҳисоби абҷад ба адади 6 баробар аст.*

**ВА** و *пайвандаки пайвасткунанда* **ва агар, ва аммо, ва ё**; дар сурати паиҳам омадани калимаҳои бо ҳамсадо тамомшаванда «ва» ба «-у» ва агар онҳо бо садонок тамом шаванд, ба «-ву» ё «-ю» табдил меёбад (*мас*., **молу ҳол, хонаву ҷо, орзую умед**); **ва ғайра // ва ҳоказо // ва монанди инҳо** таркиби ифодакунандаи ихтисор дар охири зикри номҳо, мисолҳо ва мавридҳои дигар; **ва алайкум ассалом**! ба шумо ҳам оромӣ меҳоҳам! (*таъбири ҷавоби салом*).

**ВАБАР** وبر 1. *кит.* пашми шутур. 2. *маҷ.* ҷодаре, ки аз пашми шутур тайёр мекарданд.

**ВАБО** *а.* وبا 1.бемории сироятии ҳалокатовари меъда ва рӯда, ки боиси дарунравӣ, қай ва умуман вайроншавии мубодилаи обу намаки бадани инсон мегардад, холера. 2. густариши бемории сироятии ҳалокатовари оммавӣ ба воситаи микробҳо, эпидемия; муромурӣ. 3. *маҷ.* офат, бало: **вабои умумӣ, вабо омадан**.

**ВАБОГИРИФТА** وباگرفته *ниг.* **вабозада**.

**ВАБОЗАДА** وبازده дучори бемории вабо, мубталои вабо, вабогирифта.

**ВАБОӢ** وبائی *мансуб ба* **вабо**; гирифтори бемории вабо.

**ВАБОЛ** *а.* وبال [*гуфт.* **убол**.] 1. гуноҳ. 2. *маҷ.* зарар, зиён; азоб. 3. аз рӯи ақидаи мунаҷҷимон номуборак ва наҳс будани вазъияти сайёраҳою ситораҳо.

**ВАБОХОНА** وباخانه ҷое, ки дар он ҷо вабо паҳн шудааст.

**ВА-ГАР//В-АГАР** وگر//واگر *шакли кӯтоҳшудаи* **ва агар**.

**ВАГАРНА//В-АРНА** وگرنه//ورنه *шакли кӯтоҳшудаи пайвандаки шартии* **ва агар на**; дар акси ҳол, набошад.

**ВАГОН** *англ.* وگان воситаи махсуси хонамонанд барои кашонидани бор ва мусофирон дар роҳи оҳан, ки ба қатора васл карда мешавад: **вагони боркаш, вагони мусофирбар, вагони нармҷой, вагони сахтҷой**; **вагони ресторан** вагоне, ки дар он ресторан ҷо гирифтааст; **вагони умумӣ** вагони мусофирбаре, ки фақат ҷои нишаст дорад; **кор як вагон** *гуфт., киноя аз* кори ниҳоят зиёд.

**ВАГОНСОЗӢ** وگانسازی соҳаи саноат, ки барои роҳи оҳан вагон месозад: **корхонаи вагонсозӣ**.

**ВАГОНЧА** وگانچه вагони хурд, вагонетка, вагончаи боркашонӣ дар корхонаҳо.

**ВАҒАР-ВАҒАР** وغروغر 1. *калимаи тақлиди* овози хурӯшидани гурбаю саг (*ҳангоми ҷанг*). 2. *маҷ.* мағал, ғалоғула: **вағар – вағар кардан**.

**ВАҒАР-ВУҒУР** وغروغور *ниг.* **вағар-вағар**.

**ВАҒАСТАН** وغستن ошкор кардан, зоҳир кардан.

**ВАҒ-ВАҒ** وغوغ *гуфт.* доду фарёд, ҷанҷол, дӯғу пӯписа.

**ВАҒҒАС** وغس *гуфт.* 1. якбора даргирифтани оташ, башиддат сӯхтан. 2. *маҷ.* овози сахти инсон ё чизи дигар.

**ВАҒҒИ** وغى **:вағғи даргирифтан** *гуфт.* якбора даргирифтани оташ, гӯгирд.

**ВАҒЕШ** وغيش *кит.* бисёр, анбӯҳ.

**ВАҒНИҶ** وغنيج буттаест аз ҷинси настаранҳо мевааш монанд ба олуча, аммо хурд.

**ВАҒО** وغا *кит.* 1. ҷанг, муҳориба. 2. ғалоғула, ғавғо, мағал.

**ВАДАА** *а.* ودعه *кит.* навои садое; садое.

**ВАДАВАНГ** ودونگ *гуфт.* дар авҷ, бобарор; **кораш вадаванг** дар авҷу барор будани кори касе.

**ВАДИА//ВАДИАТ** *а.* وديعه//وديعت *кит.* чизе, ки ба касе барои нигоҳдорӣ дода шудааст, амонат супурдашуда ё гузошташуда, амонат.

**ВАДОД//ВИДОД** *а.* وداد *кит.* дӯстӣ, муҳаббат.

**ВАДОЕЪ** *а.* ودايع *ҷ.* **вадиа//вадиат**.

**ВАДОЪ** *а.* وداع *ниг.* **видоъ**.

**ВАДУД** *а.* ودود *кит.* бисёр меҳрубон, дӯст, муҳиб.

**ВАЖЖИ** وژّى **:важжи кардан** мисли эҳсоси барқ задан дар бадан (*аз тарс, якбора мутаҳаййир шудан аз хабари ногаҳонӣ ва г.*).

**ВАЖЖОС** وژّاس *ниг.* **вижжас**.

**В-АЗ** وز *шакли кӯтоҳшудаи* **ва аз**.

**ВАЗАҒ** وزغ навъе аз қурбоққа, ғук.

**ВАЗАК** وزک *бот.* маҷнунбед, бед.

**ВАЗЕЛИН** *фр.* وزيلين равғани молидание, ки дар тиб, косметика ва техника ба кор меравад.

**ВАЗЕЪ** *а.* وضيع *кит.* 1. мақому мартабаи паст, дараҷаи поёнӣ. 2. *маҷ.* фурӯмоя, нокас.

**ВАЗИА** *а.* وضيعه *кит.* 1. зарари моддӣ, осеб, зиён. 2. андоз, хироҷ.

**ВАЗИДАН** وزيدن 1. ҳаракат кардани бод, ба ҷунбиш омадани шамол. 2. ба машом расидан, омадан(-и бӯй).

**ВАЗИМА** *а.* وضيمه таомдиҳӣ, оши худоӣ додан пас аз марги наздикон.

**ВАЗИР** *а.* وزير 1. узви ҳайати ҳукумат, ки сарварии вазоратеро ба ӯҳда дорад: **вазири адлия, вазири корҳои хориҷӣ, вазири маориф, вазири молия**. 2. *таър.* мансабдори олимақом, ки баъд аз шоҳ (ё султону амир) мақоми баландро ишғол менамуд ва тамоми корҳои дохилӣ ва хориҷии мамлакатро идора мекард: **вазири дасти рост** а) вазири аввал, вазири содиқ ва боэътимод; б) *маҷ.* мададгори наздиктарин, ёрирасони содиқтарин.

**ВАЗИРАК** وزيرک *бот.* растании ду ё бисёрсола аз хонаводаи чилликгулҳо, ки хусусияти дармонӣ дорад.

**ВАЗИРЗОДА** وزيرزاده фарзанди вазир, аз хонаводаи вазир.

**ВАЗИРӢ** وزيرى амал ва шуғли вазир, вазир будан; мақоми вазир, вазорат.

**ВАЗИРОНА** وزيرانه монанди вазир, ба сони вазир.

**ВАЗИФА** *а.* وظيفه 1. кори муайяне, ки иҷрояш ба ӯҳдаи касе вогузор шудааст; коре, ки кас ба иҷрои он ӯҳдадор аст, кори ҳаррӯза, ӯҳдадорӣ, хизмат, амал: **вазифаи инсонӣ, вазифаи муқаддас**, **вазифаи фахрӣ**; **вазифаи хонагӣ** машқ, масъала ва умуман сабақ, ки барои дар хона тайёр кардан ба талаба супурда мешавад, супориш барои иҷро кардан дар хона. 2. шуғли расмӣ, мансаб: **аз вазифае озод кардан**, **ба вазифае таъйин намудан**; **иҷрокунандаи вазифаи директор** оне, ки муваққатан мансаби директориро ишғол намудааст ва ё дар набудани директор вазифаи ӯро иҷро менамояд; **вазифаеро адо кардани** *чизе* кори чизеро ба ҷо овардани як чизи дигар. 3. *таър.* музди кор, маош; нафақа.

**ВАЗИФАГИР** وظيفه‌گير вазифаталаб, вазифахоҳ

**ВАЗИФАДОР** وظيفه‌دار ӯҳдадор, мувazzаф; **вазифадор будан** иҷрои вазифаеро дар зимма доштан; **вазифадор кардан** иҷрои кореро ба зиммаи касе гузоштан.

**ВАЗИФАТАЛАБ** وظيفه‌طلب мансабхоҳ, мансабталаб.

**ВАЗИФАХОҲ** وظيفه‌خواه вазифаталаб, вазифагир.

**ВАЗИФАХӮР** وظیفه‌خور *таър.* касе, ки ба ӯ маоше таъйин шуда бошад; *ниг.* **вазифа** 3.

**ВАЗИФАШИНОС** وظیفه‌شناس он ки кори супурдашуда ё ӯҳдадории ба зимма гирифтаашро бо ҳисси масъулият ва аз рӯи виҷдон иҷро мекунад; масъулиятшинос.

**ВАЗИФАШИНОСӢ** وظیفه‌شناسی вазифашинос будан, бо камоли ҳисси масъулият ва аз рӯи виҷдон иҷро кардани вазифа; боинтизомӣ, масъулиятшиносӣ.

**ВАЗИШ** وزش *исми маънӣ аз* **вазидан**: **вазиши бод**.

**ВАЗН** *а.* وزن 1. вазнинии чизе, ки дар тарозу баркашида ва ё аз рӯи ҳаҷмаш муайян карда мешавад, сиқл, гаронӣ, сангинӣ: **вазни сабук, вазни гарон**. 2. *адш.* андоза, ченаки шеър: **вазни арӯз**, **вазни ҳиҷо**; **бар вазни**… а) ба оҳанги…, ба зарби…; б) мувофиқи усули …; в) дар қолиби сохт ва талаффузи ..., ҳамвазни… (*истилоҳи луғатшиносӣ*). 3. *маҷ.* эътибор; қадр, қимат: **вазн доштан; вазни хос // вазни қиёсӣ** *физ.* таносуби вазни ҷисм ба вазни обе, ки дар ҳаҷм якхела аст (*дар ҳарорати 4 селсий*).

**ВАЗНА** *а.* وزنه 1. ҷисми филизӣ ё сангӣ ба вазни муайян, ки барои санҷидани вазни ашё дар тарозу истифода мешавад. 2. ҷисми филизӣ, ки барои эҷоди баробарвазнӣ дар васоили техникӣ *ва г.* истифода мешавад. 3. *варз.* гӯйи филизӣ бо вазнҳои мухталиф.

**ВАЗНАБАРДОР** وزنبردار варзишгаре, ки вазна мебардорад.

**ВАЗНАБАРДОРӢ** وزنبرداری навъи варзиш, ки иштирокдорони он дар бардоштани вазна мусобиқа мекунанд, штангабардорӣ.

**ВАЗНАН** *а.* وزناً аз рӯи вазн, бо кашидани вазн.

**ВАЗНДОР** وزندار 1. дорои вазн, вазндошта. 2. *маҷ.* боэътибор; қонеъкунанда; **сухани вазндор** сухани боэътибор. 3. *адш.* бо риояи қоидаи вазн иншошуда (*оид ба* шеър).

**ВАЗНДОРӢ** وزنداری вазндор будан; дорои вазн будан.

**ВАЗНИН** وزنین 1. дорои вазни зиёд, гарон, сангин, сақил; *муқоб.* **сабук**. 2. душвор, мушкил; сахт, зӯрталаб: **кори вазнин**. 3. *маҷ.* ботамкин, ботаҳаммул, бурдбор: **вазнин шудан, худро вазнин нигоҳ доштан**. 4. *маҷ.* дуҷон, ҳомила: **бемории вазнин** касалии сахт ва хавфнок; **бори вазнин** а) боре, ки дорои вазни зиёд аст; б) *маҷ.* кори душвор, вазифаи мушкил; в) *маҷ.* ташвиш, заҳмати зиёдатӣ, боиси дарди сар, бори гарон; **роҳи вазнин** роҳи душворгузар, роҳи пуразоб; роҳи пурхатар; **хӯроки вазнин** хӯроки душворҳазм; **ҳавои вазнин** а) ҳавои ғализ, вайрон, дам; б) муҳити баду ногувор; *барои касе* **вазнин будани коре** барои касе душвор будани иҷрои коре; аз ӯҳдаи иҷрои коре баромада натавонистани касе; **вазнин шудани аҳвол** а) шиддат гирифтани вазъ(-и бемории касе); б) бад, танг ва тоқатфарсо шудани шароити зиндагии касе; **вазнин - вазнин нафас кашидан (гирифтан)** бо душворӣ нафас гирифтан, дароз-дароз нафас кашидан; **вазнин-вазнин қадам мондан** душвор ва хеле оҳиста роҳ гаштан; ◊ **гӯши вазнин** костагии қобилияти шунавоӣ, дуруст нашунидани гӯш; **саноати вазнин** маҷмӯи соҳаҳои саноат, ки таҷҳизоту дастгоҳи мошинҳо ва маҳсулоти саноати вазнин истеҳсол мекунад; **вазнин будани хоки ҷое** дар мавриди ба ҷое омада аз он ҷо рафта натавонистан ва муқимӣ шудани касе гуфта мешавад; **ҷинояти** *касе* **вазнин шудан** зиёд шудани гуноҳи касе.

**ВАЗНИНАК** وزنینک *шакли тасғир ва навозиши* **вазнин**.

**ВАЗНИНАКАК** وزنینککک *ниг.* **вазнинак.**

**ВАЗНИНБОР** وزنین‌بار дорои бори вазнин; нақлиёте, ки бори вазнин дорад: **киштии вазнинбор**, **қатораи вазнинбор**, **мошини вазнинбор**.

**ВАЗНИНӢ** وزنینی 1. вазни зиёд доштан, гаронӣ, сангинӣ; **вазнинӣ доштан** (-и мисраи шеъре) *адш.* аз рӯи қоидаи вазни арӯз дорои ҳиҷои зиёдатӣ будан, нуқсондор будани мисраи шеъре. 2. душворӣ, мушкилӣ, сахтӣ: **вазнинӣ кардан** а) душвор будан; б) *маҷ.* азобу ташвиш пеш овардан, бори гарон шудан. 3. *маҷ.* ботамкинӣ, бовиқорӣ;

бардошт, сабру тоқат; **вазнинӣ кардан** дар иҷрои коре сабру тамкин зоҳир кардан; ◊ **вазнинӣ дар гардани** *касе* **будан** дар зиммаи касе будани қисми мушкил ва сахти коре.

**ВАЗНИНҚАДАМ** وزنين‌قدم 1. вазнин ё ботамкин қадам мондани касе, вазнин-вазнин роҳ гаштан (*нисбат ба одамони тануманд гӯянд*). 2. *маҷ.* он ки бо омаданаш ягон воқеаи нохуш рӯй медиҳад.

**ВАЗНИННАВО** وزنين‌نوا суруди нохуш, суруди нофорам.

**ВАЗНИНОВОЗ** وزنين‌آواز садои нохуш, садои нофорам.

**ВАЗНИНОНА** وزنينانه ботамкин, бовиқорона, оромона, оҳиста: **вазнинона гап задан, вазнинона қадам партофтан**.

**ВАЗНИНОҲАНГ** وزنين‌آهنگ оҳанги ҳазин, оҳанги ғамгин.

**ВАЗНИНТАБИАТ** وزنين‌طبيعت бо хӯю хислати вазнин.

**ВАЗНИНТАН** وزنين‌تن бузургҷусса, қавипайкар.

**ВАЗНИНҶУССА** وزنين‌جثّه *ниг.* **бузургҷусса**.

**ВАЗНКАШӢ** وزن‌کشی 1. муайян кардани вазни бор ва чизи дигар. 2. *варз.* муайян кардани вазни варзишгарон дар варзишҳои ба монанди муштзанӣ, гӯштин, вазнбардорӣ барои гурӯҳбандии онҳо аз рӯи вазн дар мусобиқаҳо.

**ВАЗННОКӢ** وزناکی вазннок будан, вазндорӣ, дорои вазн.

**ВАЗОАТ** *а.* وضاعت *кит.* хубӣ, покӣ.

**ВАЗОН** وزان *феъли ҳол ва сифати феълии замони ҳозира аз* **вазидан**; дар ҳолати вазиш; вазанда; **вазон шудан** вазидан.

**ВАЗОН(И)ДАН** وزاندن//وزانيدن *тарзи бавоситаи* **вазидан**.

**ВАЗОРАТ** *а.* وزارت 1. муассисаи марказии ҳукуматӣ, ки идора кардани соҳае ба он вогузор шудааст. 2. биное, ки ин муассиса ҷой гирифтааст, вазоратхона: **вазорати адлия, вазорати маориф, вазорати молия, вазорати корҳои дохилӣ, вазорати корҳои хориҷӣ**. 3. *кҳн.* амалу мансаби вазир, вазирӣ.

**ВАЗОРАТӢ** وزارتی *марбут ба* **вазорат**; он ки дар вазорат кор мекунад.

**ВАЗОРАТПАНОҲ** وزارت‌پناه *таър.* лақаби вазири аввал дар собиқ аморати Бухоро.

**ВАЗОРАТХОНА** وزارتخانه бинои марказии вазорат, сохтмони марказии вазорат; вазорат; ҷои вазорат.

**ВАЗОҲАТ** *а.* وضاحت возеҳӣ, равшанӣ.

**ВАЗЪ** *а.* وضع 1. гузоштан, ниҳодан; гузориш. 2. вазъият, ҳол, ҳолат: **вазъи ҳамл** ҳолати дуҷонӣ, ҳомилагӣ; зоидан; **вазъ кардан (намудан)** а) ба вуҷуд овардан; баровардан: **қонуни тозае вазъ кардан**; б) муқаррар кардан, таъйин кардан.

**ВАЗЪАН** *а.* وضعاً мувофиқ ба шароит; вобаста ба вазъият, ҳолат, аҳвол.

**ВАЗЪИЯТ** *а.* وضعيت 1. ҳолат, аҳвол, шароит: **вазъияти кор, вазъияти ҳозираи** *касе;* **дар вазъияте, ки...** ба тарзе ки..., дар ҳолате ки..., **дар вазъияти ноқулай (ноҳинҷор, бад) мондан** ба ҳолати нобоб дучор шудан. 2. маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятию сиёсӣ: **вазъияти байналхалқӣ, вазъияти дохилии сиёсии мамлакат; вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ**. 3. тартибот ва шароити муқарраркардаи ҳукумат дар ҳаёти ҷамъиятӣ: **вазъияти ҳарбӣ эълон кардан** ҳолати ҳарбӣ ҷорӣ кардан. 4. намуди зоҳирӣ, авзоъ, қиёфа; **вазъияти салом** ҳолати дар мавриди саломи низомиён муқарраршударо гирифтани аскарон; **вазъияти табиии кишвар** мавқеи табиии кишвар; **вазъияти ҷуғрофии мамлакат** ҷой ва мавқеи ҷуғрофии мамлакат: **дар вазъияти ғайрирасмӣ** дар ҳолати берун аз расмият; **дар вазъияти самимӣ** дар муҳити дӯстии самимона.

**ВАЗЪӢ** وضعی *лаҳҷ.* девонатабъ, девонамизоҷ; хаёлӣ.

**ВАИД** *а.* وعيد *кит.* таҳдид, ваъдаи ҷазои бад, қавл додан ба касе дар бораи иҷрои ягон кори бад (*ҷазодиҳӣ, интиқомгирӣ ва г.*); *муқоб.* **ваъда**.

**ВАИЛЛО** *а.* والا *кит., пайвандаки хилофӣ* вагарна, дар акси ҳол.

**ВАЙ** وی 1. *ҷонишини шахси танҳо* ӯ. 2. *ҷонишини ишоратӣ* он, ӯ.

**ВАЙЛ** I *а.* ويل *кит.* 1. бадбахтӣ, мусибат, ғаму кулфат; **вайлу субур** фалокат ва ҳалокат. 2. вой!, ҳайфо!, дареғо! 3. *д.* номи яке аз водиҳои дӯзах: **чоҳи вайл**.

**ВАЙЛ** II ويل *кит.* вақт, фурсат: **вайл ёфтан,** фурсат пайдо кардан.

**ВАЙЛА** *а.* ويله *кит.* нолаву фарёд, шӯру вовайло: **вайла кардан (намудан)**.

**ВАЙРОН** ويران 1. шикаста, табоҳ, аз кор баромада; хароб; *муқоб.* **обод: роҳи вайрон, хонаи вайрон**. 2. *ниг.* **вайрона**. 3. нодуруст, таҳрифшуда; ғалат, нуқсондор; **забони вайрон** забони носуфта ва олоишёфта; **ҷумлаи вайрон** ҷумлаи ғалат, ҷумлаи хилофи қоидаҳои забон сохташуда. 4. фосид, ганда; **вайрон кардан (намудан)** а) шикастан, хароб кардан, аз кор баровардан; аз байн бурдан, нест кардан; ғалтонидан (*бино, иншоот, шаҳру деҳот ва г.*); б) чизеро зоеъ кардан (*дар тайёр кардани он*), ғайри қобили истифода кардани чизе *(аз ӯҳдаи сохтан, дӯхтан, истифода ё таъмири чизе набаромадан)*; в) *маҷ.* бекор (беэътибор) кардан, лағв кардан (*ҳуҷҷатеро*); г) *маҷ.* риоя накардан (*мас., расму оини пешиниёнро ё қонуни ҷоеро*); бар хилофи чизе кор кардан; **вайрон будан** *тарзи бевоситаи* **вайрон кардан; вайрон шудани асаб** асабонӣ шудан, худро боздошта натавонистан; **вайрон шудани меъда** қобилияти ҳозимаашро гум кардани меъда, номӯътадил кор кардани меъда; **вайрон шудани хун** фосид гаштани хун; **вайрон будани ахлоқ** бадахлоқ, бадкирдор, фосиқ; **вайрон шудани муносибати байни ду кас** рӯй додани дилхунукӣ (нохушӣ), канда шудани алоқа ва муносибати байни ду кас; **вайрон шудани** *касе* а) бероҳа шудани касе, аз роҳи дуруст баромадани касе; б) бадрафтор (бадахлоқ) шудани касе; **интизомро вайрон кардан** риоя накардан ба интизом, беинтизомӣ кардан; мувофиқи тартибу қоидаи муқарраршуда рафтор накардан; **пинаки худро вайрон накардан** парво накардан, эътибор надодан ба ҳодисае; **савдоро вайрон кардан** барҳам додани созише дар хусуси харидуфурӯхти чизе; **сукут (хомӯшӣ)-ро вайрон кардан** хомӯширо халадор кардан, хомӯширо аз байн бурдан.

**ВАЙРОНА** ويرانه бинои харобшуда ва фатарот; хароба, димна, ҷои нообод, харобазор; **вайрона кардан** хароб (валангор) кардан, ба хароба табдил додан; **вайрона шудан** *тарзи бевоситаи* **вайрон кардан; ганҷ дар вайрона** (*зарб.*).

**ВАЙРОНАГӢ** ويرانگی нообoдӣ, харобӣ; парокандагӣ, парешонӣ.

**ВАЙРОНАЗОР** ويرانه‌زار ҷое, ки харобаҳои зиёд дорад, харобазор.

**ВАЙРОНГАР** ويرانگر вайронкунанда, боиси вайронӣ, вайронкор.

**ВАЙРОНГАРӢ** ويرانگری вайронгар будан, вайронкунандагӣ, вайронкорӣ.

**ВАЙРОНЗОТ** ويران‌ذات *гуфт.* он ки насабаш хуб нест, бадзот.

**ВАЙРОНӢ** ويرانی 1. харобӣ; харобшавӣ; нобудшавӣ; шикаст. 2. нақс, иллат; нодурустӣ; **вайронии ҳаво** номусоидии ҳаво, бад будани обу ҳаво.

**ВАЙРОНКОР** ويرانکار 1. харобкор, вайронкунанда; *муқоб.* **ободкунанда**. 2. зарарасон; халалрасонанда; ихтилофандозанда (*дар байни ду кас*). 3. он ки кореро бо нуқсон иҷро мекунад; барорандаи маҳсулоти иллатнок.

**ВАЙРОНКОРӢ** ويرانکاری 1. зиёнкорӣ, харобкорӣ. 2. бо нуқсон иҷро кардани коре, маҳсулоти иллатнок баровардан. 3. риоя накардани қоидаву қонун, қонуншиканӣ.

**ВАЙРОНКУНАНДА** ويرانکننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **вайрон кардан**. 2. *ниг.* **вайронкор**. 3. риоянакунанда (-и тартибот, қоида, интизом...); **вайронкунандаи сарҳад** он ки бе иҷозати расмӣ аз сарҳади давлате гузаштааст.

**ВАЙРОННАШАВАНДА** ويران‌نشونده шикастнопазир, халалнопазир; мустаҳкам: **дӯстии вайроннашавандаи халқҳо**.

**ВАЙРОННОПАЗИР** ويران‌ناپذير харобнашаванда, вайроннашаванда; пойдор, устувор;

безавол.

**ВАЙРОНШАВӢ** ویرانشوی *исми амал аз* **вайрон шудан**; 1. харобшавӣ, табоҳшавӣ. 2. пӯсидан (*доир ба* мева, сабзавот, гӯшт *ва г.*); **вайроншавии хун** фосид шудани хун.

**ВАЙРОНШУДА** ویرانشده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **вайрон шудан**. 2. харобгардида, аз кор баромада: **ҳавлии танги вайроншуда**. 3. пӯсида, фосидгашта, гандида, бӯйоварда (*доир ба* гӯшт, мева ва сабзавот); **ҳавои вайроншудаи хона** ҳавои ғализу дами хона. 4. бероҳашуда, аз роҳи дуруст баромада; бадрафтор; бадахлоқ.

**ВАЙҲАК** *а.* ویحک *кит.* вой бар ту!, вой бар ҳолат!

**ГАРДАН** گردن 1. қисме аз бадан, ки байни сар ва танаи одам, ҳайвонот, парандагону хазандагон *ва м.ин.* воқеъ аст. 2. ҷои танги байни даҳон ва шиками зарфҳо, гардани зарфҳо ва асбобҳои дигар: **гардани кӯза, гардани шиша; ба гардани**… ба зиммаи…, ба ӯҳдаи…; **бо гардани баста** бо дили нохоҳам, маҷбуран; **бо гардани каҷ** бо аҷзу нотавонӣ; фармонбардорона, мутеона; **гардан буридан** куштан; **гардан додан** а) тан додан; тобеъ шудан; б) розӣ шудан ба коре; **гардан задан** сар бурида куштан; **гардани** *касеро (чизеро)* **ба банд овардан** касеро (чизеро) ба қайди худ даровардан, мутеи худ кардан; **гардани** *касеро* (*чизеро*) **шикастан** касе ё чизеро мағлуб кардан; нобуд кардан; **гардани шахро мулоим кардан** одами якравро ба ифоқа овардан; **гардан кашидан** нофармонӣ кардан, аз итоат сар тофтан; **гардан ниҳодан (***ба касе, коре***)** таслим шудан; фармонбардорӣ ва итоат кардан; розӣ шудан ба душворие; **гардан тофтан** саркашӣ намудан; **гардан фуровардан** тобеъ шудан, итоат кардан; розӣ шудан, тан додан (*ба коре*); **гардан ёрӣ надодан** хуши касе наомадан, ба коре майл накардан; **гардан каҷ кардан** (*дар пеши касе***)** изҳори аҷзу нотавонӣ кардан ба касе, зорию илтимос кардан аз касе; **гардан хам намудан** таслим шудан, итоат кардан; **аз гардан соқит кардан** аз зиммаи худ дур кардан, масъулияти кореро ба ӯҳда нагирифтан; аз сар соқит кардан; **ба гардан гирифтан** а) қабул кардан, ба зимма гирифтан, ӯҳдадор шудан; б) иқрор шудан ба гуноҳе; **ба гардани** *касе* **афтодани** *чизе* ба зиммаи касе бор шудани масъулияти чизе; **ба гардани** *касе* **бори гарон шудан** ба зиммаи касе бор шудан, боиси дарди сари касе гаштан; **ба гардани** *касе* **бор кардани** *чизе* а) зӯран ё бо фиреб ба зиммаи касе гузошта шудани чизе, касеро маҷбуран ба ягон чиз мутасаддӣ кардан; б) ба зиммаи касе вогузоштан чизеро, ӯҳдадор кардан касеро ба коре; **айбро ба гардани** *касе* **мондан** гуноҳи худро ба дигаре бор кардан; гуноҳе карда, худро ба канор гирифтан; **бори худро ба гардани** *касе* **андохтан** вазнинии худро ба дӯши касе гузоштан, мушкили худро ба зиммаи касе гузоштан; **як сару гардан баланд будан** *аз касе* а) имтиёз доштан бар касе, беҳтар будан нисбат ба каси дигар; б) қадбаланд будан нисбат ба каси дигар; **гуноҳ ба гарданаш** айби худаш, худ гунаҳкор аст; **гардани ҳамро шамшер намебурад** (*зарб.*) итоаткор аз нохушиҳо эмин аст; шахси хоксор ҳамеша осуда аст.

**ГАРДАНА** گردنه 1. воситаи пайвасткунандаи ду қисми ягон чиз, асбоб *ва г.*; ҷои борик ва танги ягон чиз, асбоб *ва г.* 2. роҳи борику пурпечу хами байни кӯҳҳо, гузаргоҳи кӯҳӣ. 3. *ҷугр.* ҷои борики ду хушкии воқеъ дар об, ки онҳоро ба ҳам мепайвандад, барзах.

**ГАРДАНАГИР** گردنه‌گیر дузд, роҳзан; дузди сари гардана.

**ГАРДАНАФРОЗ** گردن‌افراز *ниг.* **гарданфароз**.

**ГАРДАНАФРОХТА** گردن‌افراخته 1. *маҷ.* сарбаланд, боифтихор. 2. рушду нумувкунанда, сабзанда.

**ГАРДАНБАНД** گردن بند 1. ҳар чизе аз матоъ, ки ба гардан баста ё печонда мешавад (*мас.*, *шарф*, *галстук ва г.*). 2. асбоби зинат, ки занон ба гардан мебананд, гулӯбанд, ғафабанд, тавқ. 3. афзоре аз чарм ё чизи дигар, ки ба гардани асп, хар, саг баста мешавад, қилода.

**ГАРДАНБОРИК** گردن‌باریک 1. он ки (ё он чи) гардани борик дорад, бориkгардан. 2. *маҷ.* шишаи арақ.

**ГАРДАНБУРИДА** گردن‌بریده *ниг.* **гарданканнда**.

**ГАРДАНГИР** گردن‌گیر гиребонгир; он ки гардан мегирад.

**ГАРДАНГОҲ** گرنگاه *ниг.* **гардана**.

**ГАРДАНҒАФС** گردن‌غفس 1. он ки гардани ғафс дорад, гарданаш пургӯшти фарбеҳ аст: **шикамкалони гарданғафс**. 2. *маҷ.* гарданшах, якрав, гапнодаро.

**ГАРДАНҒАФСӢ** گردن‌غفسی гарданшахӣ, якраҳагӣ, гапнодарой.

**ГАРДАНДА** گردنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **гардидан**. 2. гирдгарданда, чархзананда; **гарданда гардун** *кинoя аз* осмон. 3. кӯчанда, он ки аз ҷое ба ҷое меравад. 4. нопойдор, мутағаййир.

**ГАРДАНДАГӢ** گردندگی *шакли дигари сифати*

*феълии замони ҳозираи* **гарданда**; дигаргунӣ, тағйир, таҳаввул.

**ГАРДАНДАРОЗ** گردندراز он ки (ё он чи) гардани дароз дорад, дарозгардан.

**ГАРДАНДАРОЗӢ** گردندرازی сарбаландӣ, сарафрозӣ; бартарӣ.

**ГАРДАНДОДАГӢ** گردندادگی сарсупурдагӣ, фармонбардорӣ, мутеӣ.

**ГАРДАНЗАН** گردنزن бурандаи сар; ҷаллод.

**ГАРДАНӢ** گردنی 1. чарми нарме, ки зери кучан мегузоранд. 2. шаллоқи паси гардан, зарбае, ки ба паси гардани гунаҳкор ба даст зада мешавад, бунигарданӣ: **гарданӣ задан**.

**ГАРДАНКАНДА** گردنکنده *таҳқ. калимаи дашном ба маънои* мурдан беҳ, нобакор, разил, бадкирдор; гарданшикаста.

**ГАРДАНКАҶ** گردنکج 1. он ки (ё он чи) гарданаш каҷ аст. 2. *маҷ.* бечора, нотавон, дасткӯтоҳ.

**ГАРДАНКАШ** گردنکش саркаш, фармоннобардор, худдонам, гапногир, якраҳа.

**ГАРДАНКАШӢ** گردنکشی 1. саркашӣ, нофармонӣ, беитоатӣ: **гарданкашӣ кардан**. 2. исёнгарӣ, исён, балвогарӣ.

**ГАРДАНКӮТОҲ** گردنکوتاه он ки гардани кӯтоҳ дорад, кӯтоҳгардан.

**ГАРДАНО** گردنا *кит.* 1. сихкабоб, кабоби сихӣ, навъи кабоби гӯшт. 2. *маҷ.* мусиқӣ, навои паст.

**ГАРДАНОВАР** گردنآور *кит.* қавӣ ва далер, ҷасуру паҳлавон.

**ГАРДАНОН** گردنان *кит.* сарварон, бузургон, соҳибқудратон.

**ГАРДАНПЕЧ** گردنپیچ 1. порчае, ки барои нигаҳдорӣ аз сармо ё аз гарду хок ба гардан мепечонанд, *ба монанди* шарф; *муқ.* **гарданбанд** 1. 2. *варз.* яке аз тарзҳои гӯштингирӣ.

**ГАРДАНПЕЧОНАК** گردنپیچانک *ниг.* **гарданпеч**.

**ГАРДАНТОБӢ** گردنتابی саркашӣ, аз кори фармуда сар тофтан; **гардантобӣ кардан** сарпечӣ кардан, итоат накардан.

**ГАРДАНФАРОЗ** گردنفراز сарбаланд, ифтихорманд.

**ГАРДАНФАРОЗӢ** گردنفرازی сарбаландӣ, ифтихормандӣ.

**ГАРДАНШАХ** گردنشخ якрав, гапнодаро, қайсар.

**ГАРДАНШАХӢ** گردنشخی якравӣ, қайсарӣ.

**ГАРДАНШИКАСТА** گردنشکسته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **гардан шикастан**; он ки (ё он чи) гарданаш шикастааст. 2. *таҳқ.* нобакор, гарданбурида.

**ГАРДАР** گردر *кит.* замини ноҳамвор ва дорои пастиву баландиҳо.

**ГАРДАФШОНӢ** گردافشانی гардолуд кардан.

**ГАРДБАРГ//ГАРДАНБАРГ** گردبرگ//گردنبرگ *ниг.* **гардак** 2.

**ГАРДГИР** گردگیر ғилофи резинӣ, ки рӯи пайванди ду чиз мепӯшонанд, то монеи нуфуз ё гузаштани чангу ғубор шавад.

**ГАРДГИРАК** گردگیرک *бот.* узви растанӣ, ки ҳангоми гардолудшавӣ барои қабули гард хизмат мекунад.

**ГАРДГИРИФТА** گردگرفته *сифати феълии замони гузашта аз* **гард гирифтан**; чизе, ки онро гарду ғубор пӯшондааст, чангзада.

**ГАРДГИРӢ** گردگیری амали пок кардани хоку ғубор аз рӯи чизе.

**ГАРДДОН** گرددان *бот.* қисми болоии наринаи гул, ки дар он гардак (2) ҳосил мешавад.

**ГАРДДОРШАВӢ** گرددارشوی *ниг.* **гардолудшавӣ**.

**ГАРДЕРОБ** *фр.* گرداب ҷои кашида мондан ва нигоҳ доштани либосҳои рӯй дар биноҳои ҷамъиятӣ, либосхона, ҷойлибос.

**ГАРДИДАН** گردیدن 1. давр задан, чархидан. 2. гаштан, роҳ рафтан; гардиш кардан, аз ҷое ба ҷое рафтан. 3. аз ҳоле ба ҳоле даромадан, тағйир ёфтан. 4. шудан; **роҳӣ гардидан** ба роҳ даромадан, равона шудан; **гардидани фалак ба коми** *касе киноя аз* омад кардани кори касе; **гард**! равона шав! биё, рафтем!: **гард, ҳамроҳ меравем**!; **гардам // аз сарат**

**гардам** фидоят шавам, садқаат шавам (*навозиш ва эҳтиром ба касе*).

**ГАРДИНА** گردینه резаҳои хурдтарин ё чанг, ки аз кӯфтан ё сахт совида гард-гард кардани чизҳо ба вуҷуд меояд.

**ГАРДИШ** گردش 1. гирдгардӣ, чархзанӣ, даврзанӣ: **чарх ба гардиш даромад**. 2. сайру гашти кӯтоҳмуддат, сайру тамошо, тамошо карда роҳ рафтан. 3. рафтор, ҳаракат. 4. чанбари чизҳои доирашакл: **гардиши доира, гардиши ғалбер**. 5. *маҷ.* тағйирот, дигаргунӣ, таҳаввулот. 6. ҷои ба тарафи дигар баргаштани роҳ, хамгашти роҳ, гардишгоҳ; **гардиши сар** гирд гаштани сар, сарчархзанӣ (*аз беморӣ*); **гардиши фалак** а) чархи фалак; даври замон; б) *маҷ.* тақдир, қисмат; **бо гардиши фалак** а) бо гузашти рӯзгор; б) *маҷ.* бо хости тақдир; **гардиш додан** *шакли бавоситаи* **гардиш кардан; гардиш кардан** а) чарх задан, давр задан; б) роҳ рафтан барои тафарруҷ, сайру гашт кардан; в) тоб хӯрдан, ба тарафи дигар гаштан; **дар гардиш будан** чарх задан, дар ҳолати даврзанӣ будан; **дар гардиш даромадан** давр задан, чарх задан; дар давра даст ба даст гузаштан: **ҷоми май дар гардиш даромад**.

**ГАРДИШБОБ** گردشباب мувофиқ ба сайру гардиш, боби гардиш.

**ГАРДИШГАР** گردشگر сайёҳ, саёҳатгар, ҷаҳонгард.

**ГАРДИШГАРӢ** گردشگری сайёҳӣ, ҷаҳонгардӣ, сайру саёҳат.

**ГАРДИШГОҲ** گردشگاه 1. ҷои ба тарафе баргаштани роҳ, хамгашти роҳ. 2. сайргоҳ, ҷои гардиш.

**ГАРДИШДОР** گردشدار гардишнок; **телпаки гардишдор** телпаки гирдаи чанбардор.

**ГАРДИШКУНОН** گردشکنان *феъли ҳол аз* **гардиш кардан** дар ҳоли гардиш, гардиш карда истодан.

**ГАРДӢ** گردی 1. як навъ матои пахтагии гулдори тунук, ки аз он бештар рӯймол ва баъзан курта медӯзанд: **рӯймоли гардӣ**. 2. *варз.* огоҳ кардани фарзини ҳариф аз маҳвшавӣ дар бозӣ.

**ГАРДКАМ** گردکم *гуфт.* нидое, ки қиморбозон вақти ба бозӣ партофтани буҷул ва бозӣ кардани ҳамаи сарқимор мегӯянд; **гардкам задан** а) қиморбозӣ кардан; б) бозӣ кардан ба тамоми сарқимор. 2. *маҷ.* то охир, бебаргашт.

**ГАРДКАШАК** گردکشک *тех.* асбоби гарду чангро ба худ кашанда, ки барои тоза кардани ҳавои хона истифода бурда мешавад.

**ГАРДНОГУЗАР** گردناگذر чангногузар; чизе, ки хосияти нагузаронидани чангу гардро дорад.

**ГАРДНУРӢ** گردنوری нурии хока, поруи реза-реза.

**ГАРДО** گردا он чи мегардад, гарданда, гардон.

**ГАРДОБА** گردآبه гардсӯз, ки аз орду об ва равғану шир тайёр карда мешавад.

**ГАРДОГАРД** گرداگرد гарданда, он чи мегардад.

**ГАРДОЛУД** گردآلود олуда ба гард, гарднок, ба чанг олуда ва ғӯтида; **гардолуд шудан** *бот.* ба воситаи гард бордор шудан (-и гул).

**ГАРДОЛУДА** گردآلوده *ниг.* **гардолуд**.

**ГАРДОЛУДШАВӢ** گردآلودشوی *бот.* аз гарддон ба гардгирак ё ба ҳуҷайратухм рехтани гард, ки боиси бордорӣ мегардад.

**гардон** گردان 1. *асоси замони ҳозира аз* **гардон(и)дан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* гардонанда, даврзананда: **балогардон**, **обгардон**, **саргардон**…

**ГАРДОН** گردان *сифати феълии замони ҳозира ва феъли ҳол аз* **гардидан**; чизи дар сайру ҳаракати мусалсал буда, чизи даврзананда; чархзананда; **гардуни гардон** фалаки гарданда; **гардон шудан** чарх задан, ба чархзанӣ даромадан; **гардон-гардон кардан (чойро)** *гуфт.* барои серранг ва бомаза шудани чойи навдамкарда онро ба пиёлае гирифта, боз баргашта ба чойник рехтан (*қабл аз чойкашӣ*), ба такрор гардондан; **гардон-гардон пурсидан** *гуфт.* гаштаю баргашта пурсидан, такрор ба такрор пурсидан.

**ГАРДОНА** گردانه *тех.* сарчарх, чархи калони гардонанда, ки чархҳои дигари таҷҳизотро мегардонад.

**ГАРДОНАНДА** گرداننده 1. *тарзи баво–ситаи* **гарданда**; ба ҳаракат дароранда, чархонанда. 2. идоракунанда. 3. *маҷ.* тағйирдиҳанда, дигаргункунанда.

**ГАРДОН(И)ДАН** گرداندن//گردانیدن *тарзи бавоситаи* **гардидан**. 1. чарх занондан, давр занондан, гардиш додан, ба ҳаракат овардан. 2. тофтан, ба тарафи дигар хамондан, каҷ кардан. 3. табдил додан; мубаддал сохтан, аз ҳоле ба ҳоле бадал кардан. 4. ақиб партофтан, зада ақиб андохтан, дур кардан, рондан. 5. бозовардан, пас овардан, баргардонидан. 6. рад кардан; пас фиристодан. 7. қат кардан, тоб додан. 8. чаппа кардан. 9. пиёларо пур аз чой карда, баргашта ба чойник рехтан: гардон-гардон кардан: **чойро гардондан**. 10. *ҳамчун феъли ёридиҳанда дар феълҳои таркибии номӣ ба маънои* кардан, намудан *меояд*: **душман гардондан**, **дӯст гардондан**, **танг гардонидан**, **гардондан** *аз чизе* боздоштан аз чизе; тағйир додани роҳи ҳаракати чизе; **варақ гардондан** варақ задан; **дами** *чизеро* **гардондан** суръати ҳаракати чизеро паст кардан; суст кардани шиддати чизе; **заминро гардондан** замини киштро рӯгардон (побел) кардан; шудгор кардан; **раъйи** *касеро* **гардондан** фикри касеро тағйир додан; **рӯй гардондан аз** *касе* ё *чизе* а) ба тарафи дигар гаштан; рӯй тофтан аз касе ё чизе; б) даст кашидан, сарфи назар кардан аз касе ё чизе; **рӯй гардондан ба** *касе* ё *чизе* ба касе ё чизе нигоҳ кардан, ба тарафи касе ё чизе нигаристан, рӯ овардан; **тасбеҳ гардондан** *д.* донаҳои тасбеҳро дар ришта ангушт зада, зикри Худо карда («субҳоналлоҳ»), паси ҳам гузаронидан; **аз роҳ гардондан** ба рафтани касе монеъ шудан; аз рафтан боздоштан касеро; аз роҳи рафта пас овардан касеро.

**ГАРДПОШ** گردپاش гардпошак, абзоре барои пошидани гард ё моддаҳои заҳрдор барои рафъи офатҳои гиёҳӣ *ва г.*

**ГАРДПОШАК** گردپاشک *кишов.* мошини махсус ё дастгоҳе, ки ба воситаи он ба растаниҳо чанги доруҳо пошида мешавад.

**ГАРДУН** گردون 1. чарх, ароба. 2. фалак, сипеҳр, осмон. 3. рӯзгор; дунё, даҳр; **гарданда гардун** осмони даввор, фалаки гардон; **то ба гардун бурдан** ба осмон расондан; хеле баланд кардан.

**ГАРДУНА** گردونه *кит.* ароба, навъе аз ароба барои кашидани борҳои вазнин ва тӯпҳо.

**ГАРДУНГУЗОР** گردونگزار 1. гузоранда ва сайркунандаи осмон; гузаранда аз осмон. 2. *маҷ.* тезрав, тезраванда ва асаркунанда.

**ГАРДУНКАШ** گردونکش он чи гардун (ароба)-ро мекашад, кашандаи гардун.

**ГАРДУНКУЛОҲ** گردونکلاه сарбаланд, иззатманд, бузургвор.

**ГАРДУННАВАРД** گردوننورد фалак–паймо, осмонгард; ◊ **нолаи гардуннаврд** оҳу нолаи ниҳоят баланд.

**ГАРДУНСАВОР** گردونسوار *маҷ.* тезрав, тундрав, тезтак; **рахши гардунсавор** аспи тезрав, аспи даванд.

**ГАРДУНШУКӮҲ** گردونشکوه баландмар–таба, бо шаъну шавкат; пуриқтидор.

**ГАРДУХОКӢ** گردوخاکی олудашуда ба гарду хок.

**ГАРДФИШОН** گردفشان гарду ғубор аф–шонанда; хокистарафшон.

**ГАРДЧЕНКУНАК** گردچنکنک гардсанҷ, андозагири гарду ғубор.

**ГАРДЧИН** گردچین резачин, ҷмаъкунандаи хурду резаҳои ҳар чиз.

**ГАРЕВА//ГИРЕВА** گریوه//گیریوه *кит.* пушта, тал, теппа; **гарева навардидан** баландиву пастиро тай кардан, кӯҳу кӯталҳоро гузаштан; ◊ **ин гареваи сахт** дунё.

**ГАРЗА//ГУРЗА** گرزه навъе аз мори калони заҳрдор.

**ГАРЗАН** گرزن тоҷи махсуси подшоҳони каёнӣ будааст, ки бо занҷири тилло бар болои тахт дар ростои сари подшоҳ меовехтаанд ва гӯе ороишёфта бо сад дона марвориди ҳар кадом ба андозаи тухми гунҷишк будааст.

**ГАРМ** گرم 1. дорои дамои бештар аз дамои бадани инсон ё дамои муҳити атроф; боҳарорат, ҳароратдор; *муқоб.* **сард, хунук** (*мас.*, *оби гарм, ҳавои гарм*); доғ, тафсон: **оши гарм**, **бӯи хуши нони гарм**; **дами гарм** а) нафаси ҳароратдор; б) *маҷ.* хӯроки гарми обдор, таоми одии обакӣ. 2. ҳароратдиҳанда: **либоси гарм**; **на сарду на гарм** мӯътадил (*оид ба* об, ҳаво); **гарм омадан** (-и ҳаво) аз меъёр зиёд будани

гармии ҳаво (-и фасле). 3. *мач*. пурҷӯшу хурӯш, самимӣ: **сӯҳбатамон хеле гарм буд**; **гарму сӯзон (ҷӯшон)** хеле боҳарорат, бо самимият; 4. *мач*. бомеҳр, бомуҳаббат, дилкаш: **нигоҳи гарм, чеҳраи гарм**; **гарм кардан** а) ҳарорат додан (*мас*., *об, ош, хонаро*), тафсондан; б) *киноя аз* барангехтани меҳри касе ба касе; рағбат пайдо кунондан (ба коре); **дили** *касеро* (*ба коре*) **гарм кардан** майлу рағбати касеро ба коре бедор кардан; **гарм шудан** а) тафсидан, ҳароратнок шудан; б) *мач*. пурҷӯшу хурӯш гаштан, авҷ гирифтан, равнақ ёфтан; **ситорааш гарм** одами дилкашу дилпазир; **тани гарм** тани зинда; одами зинда; **гарм будан** *ба коре* бо рағбати тамом машғул будан бо коре; **гарми** *чизе* **будан (шудан)** сахт ба коре машғул будан, саргарми коре будан; **гарм тофтан** а) хуб писанд афтодан; б) шинос намудан, аз ин пеш гӯё шинос будан; **гарму сардро дидан** неку бад ва сабукию сахтии зиндагиро аз сар гузарондан; **гарму хунук кардан** а) ҳарорати чизеро мӯътадил гардондан (*мас*., *обро*); б) *мач*. бо дуову ҷоду нисбат ба касе меҳру муҳаббат ё баръакс нафрату кароҳат барангехтан; **бозори** *чизеро* **гарм кардан** ривоҷу равнақ додан чизеро, авҷ гирондан кореро; **бозори** *чизе* **гарм шудан** ривоҷу равнақ доштан; серхаридор будани чизе; **даст ба оби хунук (гарму хунук) назадан** кореро иҷро накардан; меҳнат накардан; эркагӣ карда бекор гаштан; **як об гарм кунанд**... ягон маърака гузаронанд, ягон маросим барпо намоянд.

**ГАРМА** گرمه меваи пешпазак.

**ГАРМАК** گرمک 1. боқилаи дар об ҷӯшонидашуда. 2. навъе аз харбузаи дарунсурхи хушбӯ, ки барвақт мепазад, ҳандалак.

**ГАРМАКФУРӮШ** گرمک‌فروش фурӯшандаи гармак.

**ГАРМАЛАФ** گرم‌علف *бот*. як навъ алафи ботлоқӣ бо гулҳои зард.

**ГАРМБӮСӢ** گرم‌بوسی бӯсидан аз рӯи меҳру самимият.

**ГАРМГОҲ** گرم‌گاه *кит*. 1. ҷои гарм, макони гарм. 2. вақти нимрӯзӣ, вақти гармии ҳаво дар нисфирӯз, пешин.

**ГАРМДИЛ** گرم‌دل 1. *ниг*. **дилгарм**. 2. *мач*. ошиқ, дилдода, дилбаста.

**ГАРМДИМОҒ** گرم‌دماغ *мач*. маст, арбадакеш; сармаст, сархуш, мағрур.

**ГАРМДИМОҒӢ** گرم‌دماغی *мач*. сармастӣ, ғурур.

**ГАРМДОР** گرم‌دار ба шавқ оваранда, гарм доштани чизе (*мас*., *маҳфил*); ба шӯру шавқ оваранда.

**ГАРМДОРУ** گرم‌دارو *ниг*. **занҷабил**.

**ГАРМИБАР** گرمی‌بر *тех*. баранда ва гузаронандаи гармӣ.

**ГАРМИБАРДОР** گرمی‌بردار *ниг*. **гармитобовар**.

**ГАРМИБАРДОРӢ** گرمی‌برداری гармибардор будан, гармитобовар будан.

**ГАРМИБАХШ** گرمی‌بخش *ниг*. **гармидиҳанда**.

**ГАРМИГУЗАРОН** گرمی‌گزران *ниг*. **гармибар**.

**ГАРМИГУЗАРОНӢ** گرمی‌گزرانی интиқоли гармӣ; хосияти интиқоли ҳарорат дар ҷисмҳо.

**ГАРМИҒУНҶОИШ** گرمی‌غنجایش зарфияти гармӣ дошта, тоқати гармӣ доштан.

**ГАРМИДИҲАНДА** گرمی‌دهنده он чи гармӣ медиҳад, гармидеҳ.

**ГАРМИДОР** گرمی‌دار он ки таб ва ҳарорати бадан дорад, аз сабаби гармии миҷоз, на аз сабаби беморӣ, гарммизоҷ.

**ГАРМИДӮСТ** گرمی‌دوست *ниг*. **гармихоҳ**: **рустаниҳои гармидӯст**.

**ГАРМИЁН** گرمیان як навъи кишмиш.

**ГАРМИИВАЗКУНАК** گرمی‌عوض‌کنک *тех*. абзори таъвизи гармӣ.

**ГАРМИИВАЗКУНӢ** گرمی‌عوض‌کنی *тех*. мубодилаи гармӣ, таъвизи гармӣ.

**ГАРМИНИГОҲДОР** گرمی‌نگاه‌دار қобилияти гармиро нигоҳдоранда, гарминогузарон.

**ГАРМИНИГОҲДОРӢ** گرمی‌نگاه‌داری нигоҳдорандаи гармӣ, гарминогузаронӣ.

**ГАРМИНОГУЗАР** گرمی‌ناگزر васила, ки гармиро намегузаронад, оиқи гарминогузарон.

**ГАРМИПАЗИР** گرمی‌پذیر гармопазир, қабулкунандаи ҳарорат, гузаронандаи гармӣ,

ҳароратгиранда.

**ГАРМИСАНҶ** گرمی‌سنج андозагири гармо.

**ГАРМИТОБОВАР** گرمی‌تاب‌آور ба гармо тобоваранда, дорои хосияти вайроннашавӣ ё зарарнабинӣ аз ҳарорати баланд.

**ГАРМИХОҲ** گرمی‌خواه киште, ки ба нашъунамояш гармӣ бештар лозим аст, гармидӯст.

**ГАРМИЧА** گرمیچه бемории пӯст, ки ба сабаби аз гармӣ зиёд арақ кардани инсон дар шакли доначаҳои хурд дар рӯй ва бадан пайдо мешавад.

**ГАРМӢ** گرمی 1. гарм будан, ҳарорат, тафс; *муқоб.* **сардӣ, хунукӣ**: **гармии бадан, гармии офтоб, гармии ҳаво**. 2. *маҷ.* ҷӯшу хӯруш, ривоҷу равнақ, авҷу барор: **гармии бозӣ, гармии бозор, гармии кор, гармии тамошо**. 3. *маҷ.* самимият, меҳрубонӣ. 4. *маҷ.* хашмгинӣ, оташинӣ, ғазабнокӣ; ҳолати тезу тундӣ; **гармӣ додан** *ба чизе* гарм кардан чизеро; ◊ **гармию сардии рӯзгорро дидан (чашидан)** неку бади ҳаётро аз сар гузарондан; **чашмро гармӣ бурдан** андак ба ғанаб рафтан.

**ГАРМКИНӢ** گرم‌کینی *кит.* душманӣ ва бадбинии сахт.

**ГАРМКУНАК** گرم‌کنک *гуфт.* абзор барои гарм кардани хона дар фаслҳои хунуки сол: **гармкунаки барқӣ**.

**ГАРМКУНАНДА** گرم‌کننده он чи гармӣ меорад, абзори гармкунак.

**ГАРМКУНӢ** گرم‌کنی *исми амал аз* **гарм кардан**.

**ГАРМҚОҚ** گرم‌قاق нони тунуки дар танӯр пухташуда; умуман нони дар мангана хушконидашуда.

**ГАРММИЗОҶ** گرم‌مزاج 1. он ки мизоҷ – табиаташ гарм аст; *муқоб.* **хунукмизоҷ**. 2. серғайрат, серҳаракат; оташмизоҷ, тундхӯ, хунгарм.

**ГАРМНАФАС** گرم‌نفس хушсӯҳбат; хушмуомила.

**ГАРМНИГОҲ** گرم‌نگاه он ки нигоҳи гарм дорад, нигоҳаш самимӣ ва меҳрубонона аст.

**ГАРМО** گرما ҳавои гарм, гармии ҳаво; рӯзҳои баландии ҳарорати ҳаво; *муқоб.* **сармо**: **дар гармои тобистон**, **гармову сармо**; **мавсими гармо** тобистон.

**ГАРМОБА** گرمابه ҷои шустушӯ, ки оби гарм дорад, ҳаммом.

**ГАРМОБАБОН** گرمابه‌بان ҳаммомӣ, мутасаддӣ ва саркори ҳаммом, ҳаммомчӣ.

**ГАРМОБАДОР** گرمابه‌دار соҳиби гармоба, ҳаммомӣ, дорои ҳаммом.

**ГАРМОГАРМ** گرماگرم дар ҳолати гарм будан, дар вақти гармиаш, хунук нашуда.

**ГАРМОГАРМӢ** گرماگرمی **:дар гармогармӣ** а) дар вақти гарм будан; б) дар ҳолати мувофиқ ва мусоид, дар вақташ, дар айни вақташ, дар айни ҷӯшу хурӯши коре.

**ГАРМОДАРМОНӢ** گرمادرمانی истифода аз гармо барои табобат ва афзоиши ҷараёни хун; термотерапия.

**ГАРМОЗАДА** گرمازده *сифати феълии замони гузашта аз* **гармо задан**; он ки аз гармои сахти тобистон бемор шудааст, офтобзада.

**ГАРМОЗАДАГӢ** گرمازدگی *шакли дигари сифати феълии замони гузашта аз* **гармозада**; беморие, ки бо сабаби дар зери гармии сахт ва дамои баланд мондан пайдо шуда, боиси сустиву заифӣ, партофт ва тундии набзи бадан мешавад, офтобзадагӣ.

**ГАРМОИШ** گرمایش амали гарм кардани биноҳо бо об ё ҳавои гарм аз тариқи муассисаҳои махсус (*маркази гармодиҳӣ ва г.*).

**ГАРМОИШӢ** گرمایشی *тех. мансуб ба* **гармоиш**; дорои хусусият ё амалкарди гармкунандагӣ.

**ГАРМОӢ** گرمائی 1. *мансуб ба* **гармо**. 2. он ки зуд эҳсоси гармӣ кунад ва дар баробари гармо камтоқат бошад.

**ГАРМОН** *ю.* گرمان *мус.* асбоби мусиқии тугмачадори маъруф, ки ба воситаи дам садо мебарорад; *муқ.* **аккордеон** ва **баян**.

**ГАРМОНИЯ** *ю.* گرمانیه 1. бо ҳам (хеле) дар мувофиқат будани қисмҳои як чизи бутун, мутаносибии ҷузъ ва кулл, ҳамоҳангӣ, мавзунӣ. 2. *мус.* як соҳаи назарияи мусиқӣ, ки таълимоти дуруст ҷӯр кардани овозҳоро дар оҳангсозӣ дар бар мегирад. 3. *мус.* номи

аккордҳои ҷудогона.

**ГАРМОННАВОЗ** گرماننواز он ки гармон менавозад, навозандаи гармон.

**ГАРМОСАНҶ** گرماسنج *ниг.* **ҳароратсанҷ**.

**ГАРМОТАШХИС** گرماتشخیص *нав.* ташхиси бемориҳо ба воситаи гармо, термо–диагностика.

**ГАРМОҲАНГ** گرمآهنگ 1. гуворо, хуш–гувор, дилпазир, дилнишин. 2. *ниг.* **гармрафтор**.

**ГАРМПУРСӢ** گرمپرسی пурсопурсии гарму ҷӯшон, аҳволпурсии самимона.

**ГАРМРАВ** گرمرو *кит.* 1. тундрав, тезрав; чусту чолок. 2. *маҷ.* машғул, саргарм. 3. дар тасаввуф – солик, роҳрави роҳи тариқат.

**ГАРМРАФТОР** گرمرفتار 1. тундрав, тезрафтор. 2. чусту чолок, чобук; серҳаракат.

**ГАРМРУХСОР**گرمرخسار гармрӯй, хуш–чеҳра, дилпазир.

**ГАРМРӮ(Й)** (گرمرو(ی сохиби рӯи зебо, хушрӯ; ситорагарм, дилкаш.

**ГАРМСАЙР** گرمسیر *ниг.* **гармрав** 1.

**ГАРМСАРӢ** گرمسری 1. муҳаббат, меҳрубонӣ. 2. мастиву сархушӣ, арбадакашиву ҷанҷолӣ.

**ГАРМСЕЛ** گرمسیل боди гарми хушк, ки ба набототу ҳайвонот зарар мерасонад, боди сӯзон.

**ГАРМСЕЛЗАДА** گرمسیلزده мевае, ки аз гармсел осеб дидааст.

**ГАРМСЕР** گرمسیر минтақае, ки дар бештарин фаслҳои сол ҳавояш гарм мешавад, минтақаи ҳорра.

**ГАРМСЕРӢ** گرمسیری *мансуб ба* **гармсер**.

**ГАРМСӮҲБАТ** گرمصحبت он ки сӯҳбаташ форам аст, хушсӯҳбат.

**ГАРМТАБЪ** گرمطبع *ниг.* **гармтаб**.

**ГАРМТАК** گرمتک *кит.* 1. тезтак, тездав, тундрав. 2. тундрон, тезрон.

**ГАРМТОЗ** گرمتاز бо шитоб даванда, тундрав, тезрав.

**ГАРМХЕЗ** گرمخیز зудхез, тезрав, чусту чолок.

**ГАРМХЕЗӢ** گرمخیزی *маҷ.* тундравӣ, чобукӣ, тезӣ, тундрав будан.

**ГАРМХОНА** گرمخانه 1. хона(ча)и гарм–тарини ҳаммом ва гармоба, бухорхона. 2. бинои оинабандӣ барои парвариши кӯчатҳо ва зироаткорӣ дар ҳамаи фаслҳои сол; хонаи махсус, ки дар он растаниҳои гармиталаб парвариш карда мешаванд.

**ГАРМХУН** گرمخون 1. одами боғайрату серҳаракат; чаққон. 2. тундмизоҷ, тез, дилтанги зудоташиншав.

**ГАРМХУНӢ** گرمخونی 1. боғайратӣ, чобукӣ, чусту чолок. 2. тундмизоҷӣ, тезӣ.

**ГАРМХУШК** گرمخشک *ниг.* **гармқоқ**.

**ГАРМХӮ** گرمخو *маҷ.* хушхулқ, хушахлоқ.

**ГАРМХӮӢ** گرمخوئی *маҷ.* хушхӯӣ ва хуштабъӣ, меҳрубонӣ.

**ГАРМЧАШМА** گرمچشمه чашмаҳои дорои обҳои гарми табобатӣ.

**ГАРМЧЕҲРА** گرمچهره *ниг.* **гармрӯ**.

**ГАРМҶӮШӢ** گرمجوشی сӯҳбат ва гуфтугӯи гарму самимӣ.

**ГАРМШАВӢ** گرمشوی 1. *исми амал аз* **гарм шудан**; ҳароратгирӣ. 2. барангехтан, оташин шудан; **гармшавии сӯҳбат** авҷ гирифтан, тафсидани сӯҳбат.

**ГАРМШИКАМӢ** گرمشکمی *кит.* оз, ҳирс, тамаъкорӣ.

**ГАРНА** گرنه *шакли кӯтоҳшудаи* **агарна**.

**ГАРНИЗОН** *фр.* گرنیزان қисмҳои ҳарбӣ, ки дар шаҳр, қалъа ё истеҳкоми мудофиавӣ ҷойгир шудаанд, бошгоҳи ҳарбӣ, подгон.

**ГАРНИЗОНӢ** گرنیزانی *мансуб ба* **гарни–зон**; **хизмати гарнизонӣ** хизмати ҳарбӣ дар гарнизон, хидмати подгонӣ.

**ГАРНИТУР** *фр.* گرنیتور маҷмӯи ягон чиз, ки барои истифодаи соҳаи муайян таъйин шудааст; **гарнитури мебели хонаи исти–қоматӣ** мизу курсиҳо, кат *ва г.*, ки ҳама якранг буда, махсус барои эҳтиёҷи манзил сохта шудааст; **гарнитури ҳарфҳо** маҷмӯи

ҳарфҳои якхелаи гуногунандозаи чопӣ.

**ГАРОИДАН** گرائیدن майл ва рағбат намудан ба чизе; рӯй овардан ба чизе, гаравидан.

**ГАРОИШ//ГИРОИШ** گرایش *исми амал аз* **гароидан**; майлу рағбат, қасд, ният, азм.

**ГАРОН//ГИРОН** گران 1. вазнин, сангин, сақил; *муқоб.* **сабук: бори гарон**, **гурзи гарон**. 2. *маҷ.* сахт, бад; **гарон омадан** а) вазнинӣ кардан, душворӣ намудан; б) *маҷ.* боиси малол, ранҷ ва ташвиш шудан. 3. нархаш баланд, пурбаҳо, қимат; *муқоб.* **арзон**; **гарон кардан** баҳои чизеро зиёд кардан; **кӯҳи гарон** кӯҳи бузург, кӯҳи азим; **хоби гарон** хоби сахт ва дарозмуддат; **хомӯшии гарон** хомӯшии ногувор, сукути ноҳинҷор; **арзону гарон** ба ҳар нархе, ки бошад; **ба дил гарон гирифтан** чизеро дида хафа шудан, малул шудан аз чизе.

**ГАРОНБАҲО** گرانبها қиматбаҳо, пурар–зиш, дорои нархи баланд.

**ГАРОНБОР//ГИРОНБОР** گرانبار 1. инсон ва ҳайвоне, ки бар худ бори вазнин дорад, пурбору сангин; **дарахти гаронбор** дарахти пурмева. 2. *маҷ.* одами вазнин, пуртоқат, ботамкин.

**ГАРОНБОРӢ** گرانباری гаронбор будан, сангинӣ, сангин будан.

**ГАРОНБОРОНА** گرانبارانه вазнинона, ботамкин.

**ГАРОНГӮШ** گرانگوش дорои шунавоии заиф, кар.

**ГАРОНГӮШӢ** گرانگوشی гаронгӯш будан, карӣ.

**ГАРОНДАСТ** گراندست он ки корро бо тааммул ва дер иҷро мекунад; *муқоб.* **сабукдаст**.

**ГАРОНДАСТӢ** گراندستی ботааммул будан; ба кундиву сустӣ, оҳиста-оҳиста анҷом додани кор; *муқоб.* **сабукдастӣ**.

**ГАРОНИШ** گرانش *нав., физ.* нерӯи ҷозиба.

**ГАРОНИШӢ** گرانشی *марбут ба* **гарониш**; нерӯи гаронишӣ.

**ГАРОНӢ** گرانی 1. вазнинӣ сангинӣ, сақилӣ. 2. душворӣ, мушкилӣ, сахтӣ. 3. ногуворӣ, ҳолати бад; **гаронӣ кардан** а) вазнинӣ кардан; б) сахт ва ногувор омадан, боиси малол будан. 4. пурқиматӣ, баланднархӣ; *муқоб.* **арзонӣ**.

**ГАРОНҚАДР** گرانقدر дорои арзиш ва мартабаи баланд, боқадру қимат, боэҳтиром, бузург.

**ГАРОНҚИМАТ** گران قمت *ниг.* **гаронбаҳо**.

**ГАРОНМОЯ** گرانمایه 1. гаронбаҳо, пурқимат. 2. арҷманд, олиқадр.

**ГАРОНМОЯГӢ** گرانمایگی гаронмоя будан, арҷмандӣ.

**ГАРОННАРХ** گراننرخ дорои арзиши зиёд, гаронбаҳо, қиматбаҳо.

**ГАРОНПОЯ** گرانپایه *маҷ.* баландмар–таба, олиқадр.

**ГАРОНРАВ** گرانرو он ки ё он чи оҳиста ва суст ҳаракат мекунад, кундрав.

**ГАРОНРИКОБ** گرانرکاب *кит., маҷ.* ботамкин, собитқадам.

**ГАРОНРИКОБӢ** گرانرکابی *кит., маҷ.* амали гаронрикоб, ботамкинӣ, собитқадамӣ.

**ГАРОНСАЙР** گرانسیر *кит.* оҳистарав, сустрафтор, кундсайр.

**ГАРОНСАНГ** گرانسنگ 1. вазнин, дорои вазни зиёд. 2. *маҷ.* ботамкин, бовиқор; устувор, матин.

**ГАРОНСАНГӢ** گرانسنگی вазнинӣ, сангинӣ, сангин будан.

**ГАРОНСАР** گرانسر мағрур, ботакаббур; маст, махмур.

**ГАРОНСОЯ** گرانسایه олиқадр, дорои мақом ва мартабаи баланд.

**ГАРОНТАМКИН** گرانتمکین пуртамкин, бовиқор.

**ГАРОНФУРӮШ** گرانفروش он ки молашро қимат мефурӯшад, қиматфурӯш.

**ГАРОНФУРӮШӢ** گرانفروشی амали гаронфурӯш, бо қимати зиёд фурӯхтан, қиматфурӯшӣ.

**ГАРОНХЕЗ** گرانخیز он ки бо кундӣ ва дер аз

ҷо бармехезад, сустрафтор.

**ГАРОНХОБ** گرانخواب сахтхоб; **бахти гаронхоб** бахти сиёҳ.

**ГАРОНХОР** گرانخوار *кит.* 1. он чи хӯрда–наш бисёр ногувор аст. 2. *маҷ.* **пурхӯр**.

**ГАРОНҶОН** گرانجان 1. сусткор, коҳил, танбал. 2. бадхулқ, бадрафтор. 3. сахтҷон, ҷонсахт.

**ГАРОНҶОНӢ** گرانجانی *кит.* 1. вазъ ва ҳолати гаронҷон, коҳилӣ, танбалӣ, сустӣ. 2. бадхулқӣ, бадрафторӣ, номатбӯӣ.

**ГАРОЯНДА** گراینده майлу рағбаткунан-да, қасд ва оҳангкунанда: **гароянда кардан** равона кардан, фиристодан; **гароянда шудан** майл кардан, қасду оҳанг кардан.

**ГАРЧАНД** گرچند *шакли кӯтоҳшудаи* **агарчанд**; ҳарчанд ки…, ҳар қадар ки…, бо вуҷуди он ки..; **гарчанде ки**… ҳарчанд ки…, бо вуҷуди он ки…

**ГАРЧИ** گرچه *шакли кӯтоҳшудаи* **агарчи**.

**ГАСТРИТ** *ю.* گستریت *тиб.* илтиҳоби пардаи луобии меъда, газаки меъда.

**ГАСТРОЭНТЕРОЛОГИЯ** *ю.* گستراانترالاگیه *тиб.* як соҳаи тиб, ки бемориҳои узвҳои ҳозима ва усулҳои табобати онро меомӯзад, ҳозимашиносӣ.

**ГАҲ** گه *ниг.* **гоҳ**.

**ГАҲАНБОР** گهنبار *ниг.* **гоҳанбор**.

**ГАҲБУД** گهبد *кит.* **хазинадор**.

**ГАҲВОРА** گهواره 1. ҷойхоби ҷунбондашаван-даи кӯдак то якуним-дусолагӣ, ки дасту пояшро баста, дар он мехобонанд, маҳд. 2. *маҷ.* ҷои ба вуҷуд омадан ва нашъунамои чизе: **гаҳвораи тамаддуни башар**; ◊ **аз гаҳвора то лаҳад (тобут)** тамоми умр, тамоми давраи зиндагӣ.

**ГАҲВОРАБАНДОН** گهوارهبندان маросими авва-лин бор ба гаҳвора бастани тифли навзод.

**ГАҲВОРАБАХШ** گهوارهبخش одати аз тарафи падару модарон ба ҳам номзад кардани писару духтари навзод, ки баъди ба балоғат расидан бояд ба издивоҷи ҳамдигар дароянд.

**ГАҲВОРАПӮШ** گهوارهپوش *ниг.* **гаҳворапӯшак**.

**ГАҲВОРАПӮШАК** گهوارهپوشک рӯпӯши муно-сиби ҳаҷми гаҳвора дӯхташуда, ки гаҳво-раро бо он мепӯшонанд, пӯши болои гаҳвора, ки ба шаклу намуди гаҳвора дӯхта шудааст.

**ГАҲВОРАСОЗ** گهوارهساز он ки аз чӯб гаҳвора месозад: **устои гаҳвора**.

**ГАҲВОРАҶУНБОН** گهوارهجنبان 1. он ки гаҳво-раро ҷунбонда, кӯдакро мехобонад, ҷунбонандаи гаҳвора. 2. *зоол.* ҳашараи сабзу зардранги пойҳояш дарози борик, ки вақти таҳдиди хатар бо пойҳои пеш рост шуда, худро чун гаҳвора алвонҷ медиҳад.

**ГАҲВОРАҶУНБОНӢ** گهوارهجنبانی амали гаҳ-воораҷунбон.

**ГАҲГИР** گهگیر 1. аспе, ки имкони саворӣ намедиҳад. 2. *маҷ.* саркаш.

**ГАҲГИРӢ** گهگیری саркашӣ, амали гаҳгир.

**ГАЧ** گچ моддаи сафеди шабеҳи оҳак, ки дар натиҷаи сӯзондани гаҷсанг ба даст меояд ва дар сохтмон (гаҷкорӣ), ҳайкалтарошӣ, тиб (гаҷбандӣ) ба кор меравад.

**ГАЧА** گچه *гуфт.* ангуштарини бенигин, шаба ё чизи дигар, ки дар гачабозӣ истифода мекунанд.

**ГАЧАБОЗӢ** گچهبازی *гуфт.* бозии бачагона аст, ки асоси онро ёфтани гачаи дар мушти дастҳо пинҳонкардаи яке аз иштирок–кунандагони он ташкил медиҳад.

**ГАЧБАНДӢ** گچبندی *ниг.* **гаҷбандӣ**.

**ГАЧКОРӢ** گچکاری *ниг.* **гаҷкорӣ: хонаи гачкорӣ**.

**ГАЧЧА** گچه *лаҳҷ.* он ки дар сухан гуфтан забонаш мегирад, лакнатдор, алкан, сақав: **бачаи гачча**.

**ГАҶ** گج *ниг.* **гач**.

**ГАҶАНДУД** گجاندود андуда бо гаҷ, гаҷкори-шуда.

**ГАҶБАНДӢ** گجبندی *тиб.* бо гаҷ бастани узви шикастаи бадан.

**ГАҶБУР** گجبر бинокоре, ки ба буридан ва

омода кардани гаҷҳои ороишӣ ва тазйинӣ машғул аст.

**ГАҶБУРӢ** گجبری сохтан ва таҳия кардани гаҷ барои сақфу деворҳои бино; буридани нақшҳои гаҷӣ.

**ГАҶГАР** گجگر *ниг.* **гаҷкор**.

**ГАҶГАРӢ** گجگری *ниг.* **гаҷкорӣ**.

**ГАҶДӮСТ** گجدوست *бот.* гурӯҳе аз гиёҳони буттааш яксола ё чандсола аз хонаводаи маҳакҳо.

**ГАҶИН** گجین *ниг.* **гаҷӣ**.

**ГАҶИР** گجیر *гуфт.* 1. ғализ, носуфта, дағал. 2. бадхулқ; якрав: **одами гаҷир**.

**ГАҶӢ** گجی 1. аз гаҷ сохташуда. 2. гаҷдор.

**ГАҶКОР** گج کار устои бо гаҷ андовакунанда ва нақшу нигорбароранда.

**ГАҶКОРӢ** گجکاری 1. шуғл ва касби гаҷкор. 2. аз гаҷ сохта ё бо гаҷ андова кардашуда. 3. намуди маъруфи санъати амалии ороишӣ бо истифодаи гаҷ (*дар иморатҳо*).

**ГАҶКӮБ** گج کوب 1. он ки гаҷ мекӯбад, гаҷро кӯфта майдакунанда. 2. абзоре, ки ба василаи он гаҷро кӯфта майда мекунанд.

**ГАҶКӮБӢ** گجکوبی кору амали гаҷкӯб; кӯфтани гаҷ, гаҷро кӯфта майда кардан (*пас аз пухтан*).

**ГАҶПАЗ** گج پز он ки гаҷ мепазад, коргари дар кӯра гаҷпазанда.

**ГАҶПАЗӢ** گج پزی 1. амал ва шуғли гаҷпаз. 2. ҷое, ки дар он сангу гаҷро пухта, барои истифода омода мекунанд.

**ГАҶСАНГ** گجسنگ санге, ки аз он гаҷ мепазанд.

**ГАҶСОЗ** گجساز *сохт.* он ки гаҷро барои сафед кардани бино омода месозад.

**ГАҶСОЗӢ** گجسازی амал ва кори гаҷсоз.

**ГАҶХОК** گجخاک омехтаи гаҷ бо хок, ки дар бинокорӣ барои андоваи девор ё сафед кардани он истифода мебаранд.

**ГАШ** گش *кит., ниг.* **каш**.

**ГАШАН** گشن *кит., кҳн.* анбӯҳ, пур, тануманд, фарбеҳ.

**ГАШАНСОР** گشنسار он чи дорои анбӯҳӣ аст, анбӯҳ, фаровон, бисёр.

**ГАШНИЗ** گشنیز *бот.* гиёҳи алафӣ, яксола ва коштанӣ аз хонаводаи ҷаъфарӣ, ки баргҳо ва саршохаҳои он хӯрокӣ ва нӯшбӯӣ аст ва донаи он хосияти доруӣ дорад, гашниҷ, гашнич, кашниз.

**ГАШНИЗА** گشنیزه ғӯраи ангур.

**ГАШНИЗӢ** گشنیزی *марбут ба* **гашниҷ** ё таҳияшуда аз он; монанди гашниҷ.

**ГАШНИЧ//ГАШНИҶ** گشنیچ//گشنیج *ниг.* **кашнич**.

**ГАШНИЧАК** گشنیچک навъи гулдӯзии шерозаи либос.

**гашт** گشت 1. *асоси замони гузашта аз* **гаштан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънии* гардиш: **хамгашт, гулгашт**…

**ГАШТ** گشت 1. гаштан, гардиш, ҳаракат: **гашти мошин**, **гашти қатора**, **гашти соат**. 2. сайру саёҳат, гардиш, тафарруҷ: **сайру гашт**. 3. рафтор, тарзи роҳгардӣ. 4. баргашт, бозгашт, риҷъат; **гашти бозор** вақти ба охир расидани савдо дар бозор; **гашти пешин** баъди пешин, баъд аз зӯҳр; **гашти рӯз** нимаи дуюми рӯз, вақти тамомшавии рӯз; **рӯз гашт кард** рӯз аз нима гузашт; ◊ **ба гашту гадоӣ баромадан** дар ба дар гашта талбандагӣ кардан. 5. дигаргунагӣ, гардидан, тағйиру таҳаввул.

**ГАШТА** گشته 1. *сифати феълӣ аз* **гаштан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* шуда: **гумгашта, хамгашта** *ва ғ.*; **гашта-гашта** а) бисёр гашта, хеле роҳ рафта; бисёр сафар карда; б) такрор ба такрор, такроран; **гаштаю баргашта** такрор ба такрор, такроран, пайваста; **гашта баромадан** давр задан ҷоеро; **гашта гирифтан** гардонда гирифтан, баргардонда гирифтан; **гашта омадан** баргаштан, бозгаштан, авдат кардан; **гашта пурсидан** такроран пурсидан, дубора савол кардан; **гашта рафтан** бозгаштан, пас гашта рафтан.

**ГАШТАК** گشتک ҷамъомад ё шабнишинӣ ба хотири зиёфат ва сӯҳбат, ки одатан бо навбат дар хонаи яке аз иштироккунандагон

гузаронида мешавад, гап, гапхӯрӣ.

**ГАШТАН** گشتن 1. чархидан, давр задан. 2. давр зада баромадан, ҷустуҷӯ кардан. 3. роҳ рафтан, ҳаракат кардан; гардиш кардан, сайру гашт кардан. 4. баргаштан, риҷъат кардан, қафо рафтан. 5. *маҷ.* хамидан, поин фуромадан, ба нишастан сар кардан. 6. тағйир ёфтан, аз ҳоле ба ҳоле даромадан; тағйир додан, дигар кардан. 7. шудан, гардидан. 8. *дар феълҳои таркибӣ омада, маънои* давоми амал*ро медиҳад:* **бозӣ карда гаштан, давида гаштан** *ва г.*; **гашта гирифтан** *дар ҷое, коре* давом додан ба коре; **нафас гаштан** дам ба дарун афтодан, нафаскашӣ душвор шудан; **пас гаштан** баргаштан, ақиб гаштан, ба ҷои омада пас рафтан; ◊ **дар пайи** *чизе* **гаштан** аз паси чизе шудан; ба ҷустуҷӯи чизе машғул шудан; **забон (на)гаштан** ба *чизе* изҳор карда (на)тавонистан чизеро (*аз рӯи мулоҳиза, истиҳола ё андешае*); **бо** *касе* **гаштан** бо касе ишқбозӣ кардан.

**ГАШТАНӢ** گشتنی баргаштанӣ, нияти гашта омадан доштан.

**ГАШТАСАР** گشته‌سر саргашта, саргардон.

**ГАШТЗАНӢ** گشت‌زنی гардиш, гашт задан.

**ГАШТИРӮЗӢ** گشت‌روزی аввали нимаи дуюми рӯз; нимаи дуюми рӯз: **кори гаштирӯзӣ**.

**ГАШТӢ** گشتی *марбут ба* **гашт**; нигаҳбон ё посбон, ки дар минтақаи муайян гашт мезанад, маъмури гашт.

**ГАШТОГАШТ** گشتاگشت гардишкунон, гаштугузор.

**ГАШТОР** گشتار гаштугузор, сайр, чарх задан.

**ГАШТОРӢ** گشتاری *марбут ба* **гаштор**; таъвилӣ.

**ГАШТУГУЗОР** گشت‌وگزار 1. гардиш, сайру тамошо. 2. давр зада гаштан, қадамзанӣ дар посбонӣ.

**ГВАРДИЯ** *фр.* گوردیه 1. аскарони хоса барои муҳофизати сардори давлат ва сарлашкарҳо; қисмҳои баргузида ва имтиёзноки лашкар, горд: **гвардияи миллӣ**. 2. *таър.* дар Армияи Шӯравӣ ба қисму қӯшунҳое, ки корнамоиҳои аълои ҷангӣ, интизом ва муташаккилӣ нишон медоданд, номи қисму қӯшуни гвардия дода мешуд.

**ГЕВА** گیوه *кҳн.* навъи пойафзоли бепошнае, ки тагаш аз чарм ё латтаҳои ба ҳам часпонидашуда ва рӯяш аз ресмони бофта иборат аст, ҷева.

**ГЕВАКАШ** گیوه‌کش косибе, ки гева месозад; пойафзолдӯз.

**ГЕЙЗЕР** *исп.* گیزیر чашмаи вулқонии оби гарм, ки вақт ба вақт обаш фаввора зада мебарояд.

**ГЕКТАР** *ю.* گکتر воҳиди андозаи масоҳати замин, ки ба даҳ ҳазор метри мураббаъ баробар аст.

**ГЕКТО** *ю.* گکتا *ҷузъи пешини калимаҳои мураккаб ба маънои* сад, сад карат: **гектоватт** сад ватт, **гектолитр** сад литр, **гектометр** сад метр *ва г.*

**ГЕКТОВАТТ** گیکتاوت *ю.* сад ватт.

**ГЕКТОЛИТР** گیکتالتر *ю.* сад метр.

**ГЕКТОМЕТР** گیکتامتر *ю.* сад метр.

**ГЕЛИЙ** *лот.* گلی унсури химиявӣ аз гурӯҳи газҳои инертӣ, ки бинобар сабукӣ ва дарнагирандагиаш дар ҳавопаймоӣ ба кор бурда мешавад.

**ГЕЛИО** *ю.* گلیا *ҷузъи пешини калимаҳои мураккаб*, ба маънои Офтоб ва нерӯи вай: **гелиодастгоҳ**, **гелиотехника**…

**ГЕЛИОГРАФИЯ** *ю.* گلیاگرفیه *нуҷ.* соҳаи астрономие, ки ба таҳқиқи Офтоб машғул аст.

**ГЕЛИОДАСТГОҲ** گلیادستگاه абзоре, ки ба воситаи нерӯи нурҳои Офтоб амал мекунад.

**ГЕЛИОМАРКАЗӢ** گلیامرکزی **:низоми гелиомарказии олам** *нуҷ.* таълимоте, ки Офтобро маркази ҳаракати сайёраҳо ҳисоб мекунад.

**ГЕЛИОМЕТР** *ю.* گلیامتر *нуҷ.* асбоби оптикӣ барои чен кардани қутрҳои ба назар намоёни ҷирмҳои осмонӣ.

**ГЕЛИОТЕХНИКА** *ю.* گلیاتخنیکه *тех.* соҳаи техника, ки роҳҳои истифодаи нерӯи Офтобро меомӯзад.

**ГЕЛОС** گیلاس меваест аз ҷинси олуболу: **гелоси зард, гелоси сурх**, **гелоси саврӣ**.

**ГЕЛОСӢ** گیلاسی *мансуб ба* **гелос**; **мураббои**

**гелосӣ** мураббои аз гелос пухташуда.

**ГЕМАТОЛОГИЯ** *ю.* گمتالاگیه *тиб.* соҳаи илми тиб, ки таркиб ва хусусиятҳои хун, бемориҳои хун ва роҳҳои муолиҷаи онҳоро меомӯзад, хуншиносӣ.

**ГЕМОГЛОБИН** *ю.* گماگلابین *биол.* моддаи сурхранги хун; қисми таркибии пулакчаҳои сурхи хун.

**ГЕН** *ю.* گن *биол.* одитарин омили таъмини ирсият аз насле ба насли дигар; сиришт. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* асл ва мабдаи пайдоиш ва ҳосилшавии чизе: **гидроген, оксиген** *ва г.*

**ГЕНДЕР** گندر *нав.* ҷинс, ҷинсият (мард ва зан).

**ГЕНДЕРӢ** گندری *нав., мансуб ба* **гендер**; ҷинсӣ: **аз нуқтаи назари гендерӣ** (*асосан дар мавриди ҳифозати ҳуқуқи занон кор фармуда мешавад*).

**ГЕНЕЗИС** *ю.* گنزیس *фалс.* пайдоиш, асл ва ҷараёни ташаккули ҳодисаҳои инкишофёбанда, усули таквин.

**ГЕНЕРАЛ** *лот.* گنرل *ҳ.* 1. унвони олии ҳарбӣ ва рутбаи шахсони роҳбарикунандаи қувваҳои мусаллаҳ; **генерали армия** (артиш) унвони олии генералӣ. 2. қисми аввали унвон ва рутбаҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон: **генерал-майор, генерал-лейтенант, генерал-полковник**.

**ГЕНЕРАЛ-ГУБЕРНАТОР** *лот.* گنرل‌گوبرنتار *таър.* ҳокими ягон кишвар ё вилоят дар Русияи подшоҳӣ ва баъзе мамлакатҳо, ки ҳокимияти ҳарбии маъмурӣ ба дасти ӯ супорида шудааст: **генерал-губернатори кишвари Туркистон**.

**ГЕНЕРАЛИССИМУС** *лот.* گنرلسیموس олитарин рутбаи ҳарбӣ, ки ба сардорони лашкар барои хизматҳои бисёр барҷастаи ҳарбӣ дода мешавад; шахсе, ки ин рутбаро дорад.

**ГЕНЕРАЛИТЕТ** *лот.* گنرلتیت ҳайати фармондеҳии олии артиш, ҳайати қумандонҳои олии қувваҳои мусаллаҳ.

**ГЕНЕРАЛӢ** گنرلی *мансуб ба* **генерал**: **мансаби генералӣ, рутбаи генералӣ**; **нақшаи генералӣ** нақшаи асосӣ ва умумии дарбаргирандаи чорабиниҳои муҳим; **ситоди генералӣ** мақоми олии идоракунӣ ба кори тамоми сохторҳои ҳарбии мамлакат.

**ГЕНЕРАТОР** *лот.* گنرتار *тех.* ҷиҳоз, олат ё мошине, ки нерӯи механикиро ба нерӯи барқӣ табдил медиҳад, табдилдиҳандаи барқ.

**ГЕНЕРАТОРӢ** گنرتاری *мансуб ба* **генератор**; **гази генераторӣ** газе, ки дар генератори газ ҳосил карда мешавад.

**ГЕНЕТИКА** *ю.* گنتیکه *биол.* як соҳаи илми биология, ки ирсият, пайдоиш ва тағйирёбии онро меомӯзад, наслшиносӣ.

**ГЕНЕТИКӢ** گنتیکی *мансуб ба* **генетика**.

**ГЕНОТСИД** *ю.* گناتسید сиёсати аз рӯи аломатҳои нажодӣ, миллӣ, қавмӣ ё динӣ несту нобуд кардани гурӯҳи алоҳидаи аҳолӣ.

**ГЕНОФОНД** *ю.* گنافاند *биол.* сириштмоя, муҳандисии генӣ, бахши беҳтарин ва хушзоти чизе; **генофонди миллат** сириштмояи миллат, беҳтарин намояндаҳои миллат.

**ГЕНСОЗӢ** گن‌سازی бахши илми биология дар бораи пажӯҳиш ва таҳқиқи ирсият ва пайдоишу тағйирёбии ҳуҷайраҳо ва усули истифодаи онҳо.

**ГЕОБОТАНИКА** *ю.* گیاباتنیکه соҳаи ботаника, ки сохт, таркиб, инкишоф ва паҳншавии гурӯҳҳои растаниро дар алоқамандӣ бо хок, обу ҳаво ва омилҳои дигар меомӯзад.

**ГЕОГРАФИЯ** *ю.* گیاگرفیه *ниг.* **ҷуғрофия**.

**ГЕОДЕЗИЯ** *ю.* گیادزیه илме, ки шакл, андоза ва майдони ҷозибаи Заминро омӯхта, қитъаҳои гуногуни рӯи Заминро харита мекашад ва ба нақша мегирад, заминсанҷӣ.

**ГЕОДЕЗӢ** گیادزی *мансуб ба* **геодезия**.

**ГЕОЛОГИЯ** *ю.* گیالاگیه илме, ки сохт, таркиб, қонунҳои инкишоф ва таърихи қишри Замин ва тарзҳои ҷустуҷӯи маъданҳоро меомӯзад, заминшиносӣ, илми замин.

**ГЕОМЕТРИЯ** *ю.* گیامتریه *ниг.* **ҳандаса**.

**ГЕОСЕНТРИЗМ** *ю.* گیاسنتریزم *нуҷ.* таъ–лимоти юнониёни қадим дар бораи Замин, ки гӯё Замин маркази беҳаракати коинот буда,

Офтоб ва сайёраҳои дигар дар атрофи он давр мезадаанд. Ин таълимот баъди ба вуҷуд омадани низоми гелиомарказии Коперник илман рад шудааст.

**ГЕОФИЗИКА** *ю.* گيافيزيکه маҷмӯи илмҳое, ки хосияти физикии кураи Замин, сохти дохилӣ, ҳодисаҳои физикии дар қабатҳои сахти Замин рӯйдиҳандаро меомӯзад.

**ГЕОФИЗИКӢ** گيافيزيکی *мансуб ба* **геофизика: усули геофизикӣ**.

**ГЕОХИМИЯ** *ю.* گياخيميه илме, ки тар–кибҳои химиявии Замин ва дар қишри Замин паҳн ва ҷойгир шудани унсурҳои химиявиро меомӯзад.

**ГЕПАТИТ** *ю.* گيپتيت номи умумии бемори–ҳои илтиҳоби ҷигар.

**ГЕПО//ГИПО** گيپا//گپا *кит.* таомест, ки гӯшти қима, биринҷ, пиёз *ва г.* ба шиканбаи гӯсфанд печонда, мурч ё қаламфур пошида мепазанд.

**ГЕРАН** *ю.* گرن *ниг.* **анҷибар**.

**ГЕРБ** *олм.* گرب аломати шартии фарққунандаи ягон давлат, шаҳр ё қавм, ки дар байрақ, мӯҳр ва пулҳо нақш меёбад, нишон, нишони миллӣ.

**ГЕРБАРИЙ** *лот.* گربريی *бот.* маҷмӯаи баргу гиёҳҳои хушккарда, барои таҳқиқи биологӣ.

**ГЕРБИТСИД** *лот.* گربيتسيد моддаҳои химии-явӣ барои нест кардани алафҳои бегона.

**ГЕРМАНИЙ** *олм.* گرمنيی унсури химиявие, ки аз моддаи сахти нуқратоби қалъа–гимонанд иборат буда, дар радиотехника ва шишасозӣ истифода мешавад.

**ГЕРМАНӢ** گرمنی *мансуб ба* **Германия** (Олмон): **забонҳои германӣ**.

**ГЕРОИН** *лот.* گراين навъи маводи мухад–дири сахттаъсир.

**ГЕРОНТОЛОГИЯ** *ю.* گرانتالاگيه *тиб.* илм дар бораи пир шудани мавҷудоти зинда, ба шумули одам ва омӯзиши сабабҳои дарозумрӣ.

**ГЕС** گيس *шакли кӯтоҳшудаи* **гесу**.

**ГЕСБОФ** گيس‌باف 1. амали бофтани риштаҳои қолин. 2. ба шакли гесу бофташуда.

**ГЕСБОФӢ** گيس‌بافی амали бофтани гесу.

**ГЕСТАПО** *олм.* گستپا *таър.* политсияи махфии давлатӣ дар Олмони фашистӣ, ки яке аз муассисаҳои асосии террористии фашизм маҳсуб мегардад.

**ГЕСУ//ГЕСӮ** گيسو мӯи дарози занон, мӯи бофтаи занон, печа, милла; **гесуи мушкин** мӯи сиёҳи муаттар; **гесуи тобдода** мӯи бофта; ◊ **гесуи чанг** торҳои чанг.

**ГЕСУБАНД** گيسوبند 1. навори абрешимӣ барои бастани гесу. 2. асбоби зинат барои халонида мондан бар мӯй.

**ГЕСУБУРИДА** گيسوبريده *кҳн.*, *таҳқ.*, *маҷ.* зани бадахлоқ, беҳаё.

**ГЕСУДОР** گيسودار мӯйдор, кокулдор.

**ГЕТИАФРӮЗ** گيتی‌افروز оламтоб, равшанкунандаи ҷаҳон, ҷаҳонафрӯз; ◊ **шамъи гетиафрӯз** Офтоб.

**ГЕТИБОН** گيتی‌بان *кит.* ҷаҳонбон, пуштибони ҷаҳон.

**ГЕТИДОР** گيتی‌دار *кит.* ҷаҳондор, соҳиби дунё, худованди олам.

**ГЕТИКУШО(Й)** گيتی‌کشا(ی) ҷаҳонкушо, ҷаҳон-гир, оламгир.

**ГЕТИНАВАРД** گيتی‌نورد ҷаҳонгард, сайркунандаи ҷаҳон, сайёҳ.

**ГЕТИНАМО(Й)** گيتی‌نما(ی) ҷаҳоннамо; **оинаи гетинамо(й)** *ниг.* **оина (-и ҷаҳоннамо)**.

**ГЕТИНИГОР** گيتی‌نگار ҷаҳоноро, зинат–диҳандаи дунё.

**ГЕТИОРО** گيتی‌آرا ҷаҳоноро, зинатди–ҳандаи дунё.

**ГЕТИПАЖӮҲ** گيتی‌پژوه ҷаҳонҷӯй, ҷаҳон–пажӯҳ.

**ГЕТИПАЙМО** گيتی‌پيما ҷаҳонпаймо, ҷа–ҳонсард.

**ГЕТИПАНОҲ** گيتی‌پناه 1. *кит.* ҷаҳонпаноҳ, пуштибони олам. 2. *маҷ.* подшоҳи тавоно ва қудратманд.

**ГЕТИСИТОН** گیتی‌ستان ҷаҳонгир, ҷаҳонкушо.

**ГЕТИФУРӮЗ** گیتی فروز *ниг.* **гетиафрӯз**.

**ГЕТИШИНОС** گیتی‌شناس дунёшинос, ҷаҳоншинос, ҷаҳондида.

**ГЕТӢ** گیتی ҷаҳон, дунё, олам.

**ГЕТТО** *ит.* گیتّا дар баъзе мамлакатҳо маҳаллаи махсус, ки гурӯҳи муайяни аҳолии аз ҷиҳати ирқ ё дин фарқдоштаро зӯран ба он ҷо мекӯчонанд.

**ГЕҲОН** گهان *кит.* гайҳон, дунё, ҷаҳон, олам.

**ГЕҲОНХИДЕВ** گهان‌خدیو *ниг.* **гайҳонхидев**.

**ГИГАБАЙТ** *ю.* گیگه‌بیت *итт.* дар иттилоотшиносӣ воҳиди ченаки ҳаҷми ҳофизаи компютер аст, ки ба $2^{30}$ (10) байт баробар аст.

**ГИГИЕНА** *ю.* گیگینه *ниг.* **беҳдошт**.

**ГИГИЕНӢ** گیگینی *ниг.* **беҳдоштӣ**.

**ГИГРО-** *ю.* گیگرا *ҷузъи пешини калима–ҳои мураккаб ба маънои* намӣ, рутубат: **гигрометр**, **гигроскоп**...

**ГИГРОМЕТР** گیگرامتر *асбоби ченкунии* намии (рутубат) ҳаво.

**ГИГРОСКОП** *ю.* گیگراسکاپ асбобе, ки тағйирёбии намии ҳаворо нишон медиҳад, рутубатнигор.

**ГИГРОСКОПӢ** گیگراسکاپی намиро ба худ мекашидагӣ, намкаш; **пахтаи гигроскопӣ** пахтаи тозаи намкаш, ки дар тиб ба кор меравад.

**ГИДРА** *ю.* گیدره 1. дар асотири Юнони Қадим мори (аждаҳои) чандсара, ки агар як сарашро буранд, гӯё ба ҷои он ду сари нав пайдо мешудааст. 2. *зоол.* махлуқи бемӯҳраи обӣ.

**ГИДРАТ** *ю.* گیدرت *хим.* маҳсули пайвастшавии об бо моддаҳои органикӣ ва ғайриорганикӣ.

**ГИДРО-** *ю.* گیدرا *ҷузъи пешини калимаҳои мураккаб ба маънои* об *ва* обӣ: **гидрогенератор, гидрогеология** *ва г.*

**ГИДРОАГРЕГАТ** *ю.* گیدراا‌گریگت гид–ротурбина ва гидрогенератори бо наварди умумӣ пайваста.

**ГИДРОГЕН** *ю.* گیدراگن унсури химиявиест иборат аз гази берангу бӯи сабук, ки бо оксиген пайваст шуда, обро ташкил медиҳад, обзо.

**ГИДРОГЕНЕРАТОР** *ю.* گیدراگنرتار генераторе, ки неруи обро ба неруи барқ табдил медиҳад, муваллиди барқи обӣ.

**ГИДРОГЕОЛОГИЯ** *ю.* گیدراگیالاگیه омӯзиши обҳои зеризаминӣ.

**ГИДРОДИНАМИКА** *ю.* گیدرادینمیکه қисми гидромеханика, ки қонунҳои ҳаракати моеот ва таъсири мутақобили онҳоро ба ҷисмҳои сахт меомӯзад.

**ГИДРОДИНАМИКӢ** گیدرادینمیکی *мансуб ба* **гидродинамика**.

**ГИДРОЛИЗ** *ю.* گیدرالیز *хим.* аз ҳам ҷудо шудани химиявии моддаҳои мураккаб бо таъсири об.

**ГИДРОЛОГИЯ** *ю.* گیدرالاگیه илми омӯзиши обҳои рӯизаминӣ (*дарё, кӯл, ботлоқ, обанборҳо ва г.*).

**ГИДРОМЕЛИОРАТИВӢ** گیدراملی‌آرتیوی *мансуб ба* **гидромелиоратсия**: **факултаи гидромелиоративӣ**.

**ГИДРОМЕЛИОРАТСИЯ** *ю.* گیدراملی‌آرتسیه илми обёрӣ кардани замин.

**ГИДРОТЕХНИКА** *ю.* گیدراتخنیکه *тех.* фанни истифода аз обҳои табиӣ.

**ГИДРОТУРБИНА** *ю.* گیدراتروبینه муҳаррике, ки ба воситаи қувваи об навардро ба ҳаракат медарорад.

**ГИДЯ//ГАДЯ** گدیه гадоӣ, гадоӣ кардан.

**ГИДЯПАРАСТ//ГАДЯПАРАСТ** گدیه‌پرست он ки дар ҳирси гадоист, дӯстдорандаи гадоӣ, гадои ҳарис ва шилқин.

**ГИЁ** گیا *ниг.* **гиёҳ**.

**ГИЁБУН** گیابن буттаи гиёҳ.

**ГИЁҒ** گیاغ *шакли дигари* **гиёҳ**.

**ГИЁДОРУ** گیادارو гиёҳи доруӣ.

**ГИЁЗОР** گیازار *ниг.* **алафзор**.

**ГИЁОСО** گیاآسا гиёҳмонанд, ба шакли гиёҳ.

**ГИЁХОК** گیاخاک хоки тираранги ҳосилхез, ки аз пӯсидани гиёҳҳо ва ғайра пайдо мешавад.

**ГИЁХОР** گیاخوار *ниг.* **гиёҳхор**.

**ГИЁҲ** گیاه алаф, наботот, растании ғайри–чӯбӣ; **гиёҳи баҳорӣ** алафи аввали баҳор; **гиёҳи бегона** *ниг.* **бегона (алафи бегона)**; **гиёҳи худрӯй** алафе, ки нокошта худ рӯидааст.

**ГИЁҲАК** گیاهک *шакли тасғири* **гиёҳ**.

**ГИЁҲДАРМОНӢ** گیاه‌درمانی *нав.* табобат аз роҳи истифодаи гиёҳҳои дармонбахшу табобатӣ.

**ГИЁҲЗОР** گیاه‌زار алафзор, марғзор.

**ГИЁҲӢ** گیاهی *марбут ба* **гиёҳ**; сохташуда аз гиёҳ, алафӣ.

**ГИЁҲМАНД** گیاه‌مند *гуфт.* кӯкнорӣ, бангӣ.

**ГИЁҲНОМА** گیاه‌نامه китоб дар бораи гиёҳҳо ва алафҳои гуногун, махсусан гиёҳҳои табобатӣ.

**ГИЁҲОБА** گیاه‌آبه шарбати алафӣ, шар–бати гиёҳӣ.

**ГИЁҲОН** گیاهان *бот.* дастае аз мавҷудоти зинда, ки таҳрикпазиранд, вале ҳаракати худ ба худ надоранд ва дар ҷояшон нашъу нумӯъ мекунанд.

**ГИЁҲПИЗИШК** گیاه‌پزشک *нав.* пизишке, ки бо гиёҳ беморонро табобат мекунад.

**ГИЁҲПИЗИШКӢ** گیاه‌پزشکی амалу шуғ–ли гиёҳпизишк, бахши илмии тиб, ки ба табобати беморон ба воситаи гиёҳҳо ва таҳқиқи хусусиятҳои дармонии гиёҳҳо машғул аст.

**ГИЁҲХОР** گیاه‌خوار *зоол.* алафхӯр, ҳайвоне, ки бештар ё фақат хӯроки он алаф аст.

**ГИЁҲХОРӢ** گیاه‌خواری гиёҳхор будан, алафхӯр будан.

**ГИЁҲХӮРД** گیاه‌خورد *ниг.* **гиёҳхор**.

**ГИЁҲШИНОС** گیاه‌شناس он ки ба омӯзишу пажӯҳиши гиёҳону растаниҳо машғул аст, мутахассис ва коршиноси гиёҳшиносӣ, набототшинос.

**ГИЁҲШИНОСӢ** گیاه‌شناسی шохае аз илми ҳаётшиносӣ, ки ба шиносоӣ, радабандӣ ва пажӯҳиши гиёҳҳо иртибот дорад, набототшиносӣ.

**ГИЗ** گیز **:дандон гиз кардан** *гуфт.* а) дандон нишон додан; б) хандонлаб, кушодчеҳра.

**ГИЗОФ** گزاف *ниг.* **газоф**.

**ГИЗОФА** گزافه *ниг.* **газофа**.

**ГИЗОФГӮЙ** گزافگوی беҳудагӯ, сергап, ҳарзагӯй.

**ГИЗОФКОР** گزفکار беҳудакор.

**ГИЛ** گل 1. хоке, ки бо об омехта шудааст, лой; хоки сахт ва хушк; **гили ба оташ тобовар** *ниг.* **гилмоя**; **кори гил** корҳои марбут ба хок (*аз қабили* хандақ кандану хок кандан, лой кардан *ва ғ.);* **гил задан** бо лой маҳкам кардан; **гил кардан** лой тайёр кардан. 2. *маҷ.* хоку туроб, турбат; **гили арманӣ // гили сурх** гиле, ки барои шустушӯ мисли собун истифода мебурданд; ◊ **гили одам** хоке, ки *тибқи* ривоятҳои динӣ Одам аз он сохта шудааст.

**ГИЛА** گله шиква, шикоят, норизогӣ аз муносибати каси шинос ё наздик; **гила доштан** шиквав шикоят доштан, норозӣ будан; **гила кардан** шиквав шикоят изҳор намудан.

**ГИЛАГУЗОРӢ** گله‌گزاری шиквау ши–коят, изҳори норозигӣ аз ягон амалу муносибат.

**ГИЛАКУНОН** گله‌کنان *феъли ҳол аз* **гила кардан**; шикояткунон, дар ҳолати гила кардан.

**ГИЛАМАНД** گله‌مند шиквакунанда; шико–яткунанда: **гиламанд шудан** *аз касе* шиквау шикоят кардан аз касе, изҳори норозигӣ кардан аз касе.

**ГИЛАМАНДОНА** گله‌مندانه бо гиламандӣ, шикоятмандона, гила изҳор карда: **гиламанндона гап задан**.

**ГИЛАНДУД** گل‌اندود бо гилу лой андовашуда, бо гил пӯшида.

**ГИЛАОМЕЗ** گله‌آمیز шикоятомез, бо оҳанги гила ва шиква.

**ГИЛАОМЕЗОНА** گله‌آمیزانه *ниг.* **гила–мандона**.

**ГИЛБӮТА** گل‌بوته гили ба оташ тобовар, ки аз он барои гудозиши филизот бӯта месозанд.

**ГИЛГАР** گل‌گر *ниг.* **гилкор**.

**ГИЛГИР** گل‌گیر *тех.* порчаи пластикӣ ё оҳанӣ, ки дар пушти чархҳои автомобилҳо ва дигар васоити нақлиёт барои пешгирӣ аз пошидани лою гил васл мешавад.

**ГИЛГИН** گلگین *ниг.* **гилӣ**; сохташуда аз гил.

**ГИЛҒИЛМОН** گلغلمان *гуфт.* лойолуд, оғуштаи гилу лой.

**ГИЛДОР** گلدار дорои лойю гил, лойдор.

**ГИЛЗА** *олм.* گیلزه 1. найи махсуси филизӣ барои тири милтиқ, тӯп *ва г.*, ки ба даруни он борут меандозанд ва дар бунаш барои даргирондан пистонак мегузоранд: **гилзаи тир**. 2. найчаи папирос, ки дар нӯгаш тамоку дорад: **гилзаи папирос, коғази гилза**.

**ГИЛЕМ** گلیم навъе аз палоси пашмин ё нимпашмин, ки ба фарши хона, кат, суфа *ва г.* густурда, бар рӯяш менишинанд, қолини бепат; қолин.

**ГИЛЕМБОФ** گلیم‌باف он ки гилем мебофад, бофандаи гилем; қолинбоф.

**ГИЛЕМБОФӢ** گلیم‌بافی амали бофтани гилем.

**ГИЛЕМПОРА** گلیم‌پاره пораи гилем, гилеми даридаи кӯҳна.

**ГИЛЕМФУРӮШ** گلیم‌فروش он ки гилем мефурӯшад, фурӯшандаи гилем.

**ГИЛЕМФУРӮШӢ** گلیم‌فروشی фурӯхтани гилем, гилем савдо кардан.

**ГИЛЕМЧА** گلیمچه гилеми хурд.

**ГИЛИН** گلین 1. гилдор, гилолуд. 2. аз гил сохташуда, хокӣ: **кулбаи гилин, хонаи гилин**.

**ГИЛӢ** گلی *ниг.* **гилин**.

**ГИЛКАШ** گلکش 1. коргари сохтмон, ки лойю гилро ба ҷои кори устоҳои андовагару лойгар ҳамл мекунад. 2. зарфи чӯбӣ ё оҳанӣ, ки дар он лойю қум мешӯранд.

**ГИЛКАШӢ** گلکشی амали бурдану овардани гил, кори гилкаш.

**ГИЛКОР** گلکار коргари бинокор ва устое, ки дар сохтану таъмири биноҳо бо гилу лойю хишт кор мекунад, банно.

**ГИЛКОРӢ** گلکاری 1. шуғл ва касби гилкор. 2. корҳои андова кардан, лой кардану девор задан ва хишт мондан дар бинокорӣ.

**ГИЛМОЛА** گلماله *ниг.* **андова**.

**ГИЛМОЛӢ** گلمالی амали молидани гил ба чизе барои покиза ва тоза кардани чизе ё пӯшондан ва рӯпӯш кардани девор, андова кардан.

**ГИЛМОЯ** گلمایه гили оташбардор, гили ба оташ тобовар.

**ГИЛМӮҲРА** گل‌مهره 1. *кҳн.* мӯҳраи гилин; кулӯлаи гилӣ, ки бо чӯби дарози найчамонанд барои шикори гунҷишк ва парандаҳои шабеҳи он меандохтанд. 2. *кит.*, *киноя аз* ҷисми одамизод, ки гӯё аз дусад мӯҳра ё порчаи устухон иборат аст.

**ГИЛНОК** گلناک олудаи гил, лойнок, лойолуд.

**ГИЛОБА** گلابه хоки обомехта, лойоба.

**ГИЛОЛУД** گل‌آلود олуда ба гил, лойолуд; гилнок: **оби гилолуд**.

**ГИЛОЛУДА** گل‌آلوده *ниг.* **гилолуд**.

**ГИЛОЯ** گلایه *кит., ниг.* **гила**.

**ГИЛОЯКУНОН** گلایه‌کنان *кит., ниг.* **гилакунон**.

**ГИЛОЯОМЕЗ** گلایه‌آمیز *кит., ниг.* **гилаомез**.

**ГИЛТОБӢ** گلتابی пухтани гил, аз гили хом тайёр кардани хишти пухта.

**ГИЛФАРШ** گلفر фаршаш аз гил, фаршаш хокӣ, заминӣ.

**ГИЛХОК** گلخاک *хим.* оксиди алюминий, ки як навъ моддаи сафеди кристаллӣ аст.

**ГИЛХОРА** گلخاره *кит.* кирми лойхӯрак.

**ГИМНАЗИЯ** *ю.* گیمنزیه мактаби таҳсилоти

умумии миёна бо таълимоти амиқи баъзе фанҳо (*одатан фанҳои башарӣ*).

**ГИМНАСТИКА** *ю.* گیمنستیکه маҷмӯи машқҳои махсуси ҷисмонӣ барои тарбияи бадан, варзиши бадан; **гимнастикаи муолиҷавӣ** варзиш бо мақсади муолиҷаи ягон беморӣ.

**ГИМНАСТИКӢ** گیمنستیکی *мансуб ба* **гимнастика**: **асбобҳои гимнастикӣ**.

**ГИНЕКОЛОГИЯ** *ю.* گینکالاگیه *тиб.* илми бемориҳои занона.

**ГИНЕКОЛОГӢ** گینکالاگی *мансуб ба* **гинекология**.

**ГИПЕРБОЛА** *ю.* گیپرباله *риёз.* хати каҷи мусаттаҳ, ки иборат аз шохаҳои номаҳдуд аст; қатъи зоид.

**ГИПЕРТРОФИЯ** *ю.* گیپارترافیه 1. *тиб.* аз ҳад зиёд калон шудани ягон узви бадан дар натиҷаи касалӣ ё кори вазнин, ё машқи аз ҳад зиёд (*мас.*, *дар варзишгарон*); бешинарушдӣ, рушди беш аз ҳад. 2. аз ҳадди эътидол гузашта хеле калон шуда рафтани чизе.

**ГИПНОЗ** *ю.* گیپناز 1. ҳолати махсуси ба хоб наздики одам ва ҳайвоноти олӣ, ки ба таври сунъӣ бо роҳи талқин ба вуҷуд оварда мешавад. 2. қувваи талқин, тариқи хобравонӣ бо роҳи талқин, бо талқин иродаи касеро ба худ итоат кунонидан: **бо гипноз муолиҷа кардан** усули гипнозро ба кор бурда, муолиҷа кардан.

**ГИПНОЗГАР** گیپنازگر *ниг.* **гипнозкунанда**.

**ГИПНОЗКУНАНДА** گیپنازکننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **гипноз кардан**. 2. он ки гипноз мекунад, гипнозгар.

**ГИПНОТИЗМ** *ю.* گیپناتیزم 1. таълимот дар бораи ҳодисаҳои гипноз. 2. маҷмӯи ҳодисаҳои оид ба гипноз.

**ГИПО** گیپا *ниг.* **гепо**.

**ГИПОТЕНУЗА** *ю.* گیپاتنوزه *риёз.* тарафи муқобили кунҷи рост воқеъгардидаи секунҷаи росткунҷа, ватари зовияи қоима.

**ГИПС** *ю.* گیپس *маъд.* маъдане, ки онро тафсонда, гаҷи пухта *ва г.* ҳосил мекунанд ва дар истеҳсолоти чинию шиша ва дар шикастабандии ягон узви бадан, яъне гаҷбандӣ истифода мебаранд, гаҷсанг, гулгаҷ; **гипс кардан** *гуфт.* гаҷбандӣ кардан.

**гир** گیر 1. *асоси замони ҳозира аз* **гирифтан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* гиранда, азхудкунанда, ахзкунанда: **дастгир, моҳигир, ҷаҳонгир**…

**ГИРАНДА** گیرنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **гирифтан**; азхудкунанда азкунанда; ситонанда; **саги гиранда** саги газанда.

**ГИРГИРАК** گیرگیرک бозичаи аз коғаз сохта ба нӯги чӯб шинонда, ки вақти ба пеш ҳаракат додан чарх мезанад.

**ГИРГИРАКБОЗӢ** گیرگیرکبازی 1. бозии бачагон бо гиргирак. 2. бозии бачагона, ки ҳамчун қоида як нафар аз иштироккунандагони он барои даст расондан аз паси дигарон медавад ва бачаи даст расондашуда ҳамин амалро бо дигарон давом медиҳад.

**ГИРД** I گرد 1. доирашакл, мудаввар. 2. атроф, давр, пиромун; **гирди… // ба гирди…** дар атрофи…, пиромуни…, ба даври…; **аз гирди…** аз атрофи…, гирдогирди…; **гирдгирди…** атрофи…, давродаври…; **гирду атроф // гирду канор // гирду пеш** давродавр, ҳама ҷониби маҳалле, атроф; **гирд гаштан** давр задан; **гирди** *чизе* **гаштан** дар атрофи чизе чарх задан, давродаври чизе гаштан; **гирд гардондан** чарх занондан, тоб додан; **гирд нишастан** доира нишастан, давра зада нишастан; **гирд овардан** ҷамъ кардан, ғун кардан; **гирд омадан** ҷамъ шудан, ғун шудан; **гирди номи** *касе* **гаштан** аз паси касе болидан, обрӯи каси дигарро паноҳгоҳи худ қарор додан: **гирду ғун кардан** ба тартиб андохтан, ба тартиб овардани чизе.

**-гирд** گرد *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънии* шаҳри аз ҷониби касе бунёдшуда: **Доробгирд, Сиёвахшгирд**.

**ГИРДА** گرده 1. доирашакл, мудаввар. 2. *варз.* чизи паҳни доирашакл барои ҳаво додан ба дурӣ; ◊ **гирдаи Моҳ** курси Моҳ.

**ГИРДАК** گردک 1. чизи мудаввари хурд. 2. *маҷ.* хайма, хиргоҳ.

**ГИРДАКОН** گردکان *кит.* чормағз, ҷавз.

**ГИРДАПАЗ** گردهپز нонвое, ки нони гирда мепазад.

**ГИРДАПАРТОӢ** گرده‌پرتایی *варз.* навъи бозиҳои варзишӣ аз рӯи ба дурӣ ҳаво додани гирда.

**ГИРДАРӮ** گرده‌رو дорои рӯи гирда, кулӯларӯй, кулчарӯй.

**ГИРДАСӮҲОН** گرده‌سوهان сӯҳони мудаввар, сӯҳони гирд.

**ГИРДБАГИРДОН** گردبگردان атрофиён, дар атрофи касе қарор доштагон, мулозимон.

**ГИРДБОД** گردباد боди сахт ва тезу тунде, ки чангу хок ва хасу хошокро печонда, сутунвор ба ҳаво мебарорад; ◊ **гирдбоди ҳаводис** тӯфони ҳодисаҳо, печутоби ҳодисаҳо.

**ГИРДБОДА** گردباده*ниг.* **гирдбод**.

**ГИРДБОДМОНАНД** گردبادمانند ба монанди гирдбод, ба сони гирдбод, гирдбодвор, пурпечутоб.

**ГИРДБОДОСО** گردبادآسا *ниг.* **гирдбод–монанд**.

**ГИРДБОЛИШ** گردبالش болишти гирду хурд, ки ҳангоми хоб зери сар мегузоранд.

**ГИРДБОН** گردبانкӯҳони шутур.

**ГИРДБОФ** گردباف вежагии он чи ки гирд ё ба шакли ҳалқамонанд бофта шудааст.

**ГИРДБУР** گردبر *тех.* арраи устувонаӣ барои сӯрох кардани чӯбу оҳан.

**ГИРДГАРД** گردگرد он чи ба шакли доира ҳаракат мекунад, гирдгардон, гирдгарданда; доиравор.

**ГИРДГАРДАНДА** گردگردنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **гирд гаштан**; чархзананда, гирдгардон, печутобхӯранда.

**ГИРДГАРДОН** گردگردان *феъли ҳол аз* **гирд гаштан**; гирдгарданда, чархзананда.

**ГИРДГОҲ** گردگاه *кит.* камар, миён.

**ГИРДДАНДОН** گرددندان дандонгирд, он ки дандонҳои гирду мудаввар дорад.

**ГИРДИҲАМОӢ** گردهم‌آیی *нав.* ҷамъомади оммавӣ барои муҳокимаи озоди ягон массъалаи сиёсӣ ё мавзӯи муҳимми дигар, митинг.

**ГИРДӢ** گردی *кит.* доирашаклӣ, мудаввварӣ, лӯндагӣ.

**ГИРДНО** گردنا *ниг.* **гардано**.

**ГИРДМОН** گردمان 1. моҳи шаби чордаҳ, моҳи пурра. 2. *маҷ.* зеборӯ, чеҳраи зебо.

**ГИРДОБ** گرداب 1. ҷои давр зада-давр зада фурӯ рафтани оби равон дар наҳр, дарё ё баҳр. 2. *маҷ.* ҷои хатарнок, ҷои ҳалокатовар; *ба тариқи истиора*: **гирдоби андеша**, **гирдоби фикру хаёл**, **гирдоби фалокат**, **гирдоби фано** *ва г.*

**ГИРДОБВАШ** گردابوش гирдобмонанд, ба худ печандаи фурӯраванда.

**ГИРДОВАРАНДА** گردآورنده 1. он ки чизҳоеро ҷамъоварӣ мекунад. 2. он ки хабарҳо, шиор, матолиб ва осори илмӣ ҷамъ меорад, мураттиб.

**ГИРДОВАРӢ** گردآوری *исми амал аз* **гирд овардан**; ҷамъоварӣ; андӯхтан.

**ГИРДОГИРД** گرداگرد атроф, пиромун, ҳама тарафҳои чизе.

**ГИРДОМАДА** گردآمده *сифати феълии замони гузашта аз* **гирд омадан;** ҷамъомада, ҷамъшуда, ғуншуда дар як ҷой, фароҳамомада дар ҷое.

**ГИРДПЕЧ** گردپیچ муҳосира, давродавр печонида гирифтан.

**ГИРДПОЙ** گردپای *кит.* атрофи тахт, гирдогирди тахт, нишастгоҳ, пиромуни нишастгоҳ.

**ГИРДРОН** گردران қисмати пургӯшти рони гӯсфанд, гов ва монанди онҳо.

**ГИРДРӮЙ** گردروی *ниг.* **гирдарӯ**.

**ГИРДСӮЗ** گردسوز **:чароғи гирдсӯз** чароғе, ки пилтааш ба таври мудаввар ҷойгир шудааст.

**ГИРДУ** گردو *ниг.* **гирдакон**.

**ГИРДУБОЗӢ** گردوبازی *ниг.* **чормағзбозӣ**.

**ГИРДХОН** گردخان 1. суфра ва дастархони гирду мудаввар. 2. *маҷ.* осмон.

**ГИРЕБОН** گریبان он қисми либос, ки аз сари

сина сар шуда, атрофи гарданро фаро мегирад, яқа, яха; **гиребон даридан (пора кардан, чок намудан)** ба дод омадан, изҳори бетоқатӣ кардан (*дар марги касе ё аз афсӯсу пушаймонӣ*); **гиребони худро гирифтан (доштан)** ба аломати ҳайронӣ аз гиребони либоси худ доштан, изҳори ҳайрат кардан, ҳайрон шудан; **гиребони худро халос (раҳо) кардан** худро аз қайде раҳо кардан, аз чанги касе озод шудан; **аз гиребони** *касе* **гирифтан** ба касе дарафтодан; ба касе даъво кардан, муддаӣ шудан; **аз як гиребон сар баровардан (кашидан)** муттаҳид шудан, ҳамфикру ҳамақида шудан дар иҷрои коре; **ба гиребони** *касе* **часпидан** даъвогар шудан аз касе; ◊ **даст ба гиребон шудан** ба касе дарафтодан; дар ҷангу ҷидол будан; **аввал гиребони худро бӯй кун!** аввал айб ва камбудии худро бидон (баъд ба дигарон айб гир).

**ГИРЕБОНБАНД** گریبان بند ресмоне, ки бо он гиребонро мебанданд, банди гиребон.

**ГИРЕБОНГИР** گریبانگیر ба гиребон часпанда; домангир, муддаӣ; **гиребонгири** *касе* **шудан (гардидан)** *маҷ.* гирифторкунандаи касе шудан; ба касе даъвогар шудан.

**ГИРЕБОНГИРӢ** گریبانگیری амал ва кори гиребонгир, банди гиребон гирифтан.

**ГИРЕБОНДАРИДА** گریباندریده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **гиребон даридан**; он ки гиребони либосаш даридааст. 2. *маҷ.* ҷабрдида, азобкашида.

**ГИРЕБОНӢ** گریبانی *марбут ва мансуб ба* **гиребон**; беостин, либоси махсуси мардонаи беостин.

**ГИРЕБОНКУШОД** گریبانکشاد бо тугмаҳои боз, дорои гиребони яла, гиребонкушода.

**ГИРЕБОНКУШОДА** گریبانکشاده *ниг.* **гиребонкушод**.

**ГИРЕБОНЧОК** گریبانچاک 1. дорои гиребони дарида. 2. *маҷ.* ҳарҷогард, беҳудагард. 3. *маҷ.* бо ғаму андӯҳ, ғамбор.

**ГИРЕБОНЯЛА** گریبانیله гиребонкушода: **куртаи гиребоняла**.

**ГИРЕВА** گریوه *ниг.* **гарева**.

**ГИРЕВОЗ** گریواز *кит.* гарданбанд; марворид, лаъл ва дигар сангҳои зинативу қиматбаҳои ба ришта кашидашуда.

**ГИРЕҲ** گره 1. банд, укда, ки дар натиҷаи бастани чизе пайдо мешавад: **гиреҳ бастан, гиреҳро кушодан**. 2. кулӯлача ва лӯндачаҳое, ки дар решаи дарахтон пайдо мешавад. 3. банд ва укдаҳое, ки дар узви инсон ва ҳайвон мавҷуд аст; мафсил. 4. чин, оҷинги пешонӣ: **гиреҳи абрӯ, гиреҳи пешонӣ; абрӯ гиреҳ кардан** хашму ғазаб изҳор кардан, қавоқ андохтан. 5. *маҷ.* мушкилӣ, душворӣ; печдарпечӣ, бесарунӯгӣ; монеа; **гиреҳ боз кардан** масъалаеро ҳал кардан, мушкилиеро осон намудан; **гиреҳ во гардидан** кушода шудани укда, ҳал шудани масъала, иҷро шудани коре; бартараф шудани душворие; **гиреҳи** *чизеро* **кушодан** масъалаи мушкили чизеро ҳал намудан; мушкилеро осон гардонидан; **гиреҳ кушода шудан** масъала ҳал гардидан; монеа бартараф гаштан; **мушт гиреҳ кардан (намудан)** мушт фушурдан; **сари гиреҳ ёфт шуд** роҳи бартараф кардани душворӣ пайдо шуд.

**ГИРЕҲБАНД** گرهبند банди ресмоне, ки бо он як бари либос бо бари дигараш баста мешавад; тугмабанд, ангула.

**ГИРЕҲБАСТА** گرهبسته 1. вежагии он чи ки гиреҳ зада бошанд. 2. *маҷ.* пӯшида, мубҳам, номаълум.

**ГИРЕҲБУР** گرهبر *кит.* кисабур; дузд, таррор.

**ГИРЕҲГИР** گرهگیر *кит.* 1. гиреҳдор, гиреҳнок; **абрӯи гиреҳгир** абрӯи хамида; абрӯи пурчин. 2. *маҷ.* печутобдор; ҷингила: **зулфи гиреҳгир**.

**ГИРЕҲГОҲ** گرهگاه ҷои гиреҳ, ҷое, ки дар он ҷо гиреҳ зада мешавад.

**ГИРЕҲДОР** گرهدار 1. богиреҳ, гиреҳнок. 2. пурчин, пурожанг: **рӯи (чеҳраи) гиреҳдор**.

**ГИРЕҲЗАДА** گرهزده гиреҳнок, пурчин.

**ГИРЕҲЗАНӢ** گرهزنی амали гиреҳ задан.

**ГИРЕҲКУШО** گرهکشا *маҷ.* мушкилкушо, мушкилосонкун, ҳалкунандаи ягон масъала, бартарафкунандаи душворӣ.

**ГИРЕҲКУШО(Й)** گرهکشا(ی) *ниг.* **гиреҳкушо**.

**ГИРЕҲКУШОӢ** گرهکشایی мушкилкушоӣ, осон кардани мушкили касон.

**ГИРЕҲМӮ(Й)** (گره‌موی) он ки мӯйҳои пурпеч дорад, ҷингиламӯй.

**ГИРЕҲПЕЧ** گره‌پیچ гиреҳ бар гиреҳ, печ дар печ, печ-печ, печида (дарҳам).

**ГИРЕҲПЕШОНӢ** گره‌پیشانی *маҷ.* бадқаҳр, абус, тундхӯ.

**ГИРЁН** گریان 1. *феъли ҳоли замони ҳозира аз* **гиристан**; **гирён-гирён** дар ҳолати гиристан, ашкрезон; **гирёну бирён // гирёну нолон** ашкрезон, сӯхтаву пухта; **гирён шудан** гиря кардан. 2. *сифати феълии замони ҳозира аз* **гиристан**; гирянда, ашкрез, ашкбор.

**ГИРЁН(И)ДАН** گریاندن//گریانیدن *тарзи бавоситаи* **гиристан**; гиря кунондан, водор намудан ба гирякунӣ.

**ГИРЁНЧАК** گریانچک *гуфт.* бисёр гирякунанда, сергиря; **бачаи гирёнчак** бачаи инҷиқи сергиря.

**ГИРЁНЧАКӢ** گریانچکی бисёр гирякунӣ, сергиря будан.

**ГИРИМ//ГИРУМ** گیرم *гуфт.* гиранда, толиб, талабгор.

**ГИРИСТАН** گرستن гиря кардан, ашк рехтан, оби дида ҷорӣ кардан: **зор-зор гиристан**, **ҳой-ҳой гиристан**; **филиқ-филиқ (фих-фих) гиристан** бо овози паст гиря кардан; ◊ **хун гиристан** гирияи ҷонсӯз кардан; **ҳиққосзанон гиристан** ҳиқ-ҳиқ карда гиристан, сахт гиря кардан; **ҳунгосзанон гиристан** бо овози баланд гиря кардан, овоз бароварда гиря кардан; **гиристани абр** боридани борон; **гиристани шамъ** об шудани шамъ ҳангоми сӯхтан; **ҳар кас барои мурдаи худ мегиряд** (*зарб.*) ҳар кас дар ғами худ мебошад.

**гирифт** گرفت *асоси замони гузашта аз* **гирифтан**.

**ГИРИФТ** گرفت гирифтани Моҳу Офтоб, хусуфу кусуф; **гирифт кардан** халал пайдо кардан, иллат ёфтан; банд шудан.

**ГИРИФТА** گرفته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **гирифтан**; **гирифта бурдан** чизеро бо худ аз ҷое ба ҷои дигар бурдан. 2. халалдор, беҷо, хира: **табъи гирифта** бедимоғӣ; кайфпаридагӣ. 3. хаста, хиррӣ: **овози гирифта**. 4. тира; абрнок; дим; ◊ **забони гирифта** забони лакнатдор; **сари худро гирифта рафтан** худро халос карда рафтан; ба танҳоӣ ҷоеро тарк кардан.

**ГИРИФТАГӢ** گرفتگی 1. *тарзи дигари сифати феълии замони гузашта аз* **гирифтан**; лакнатдорӣ, гирифтазабонӣ. 2. чин доштани пешониву абрӯ, дарҳам кашидашуда, абус, туршрӯ.

**ГИРИФТАЗАБОН** گرفته‌زبان он ки ҳангоми гуфтор забонаш дармемонад, алкан, лакнатзабон.

**ГИРИФТАЛАБ** گرفته‌لب 1. лаббаста. 2. *маҷ.* хомӯш.

**ГИРИФТАН** گرفتن 1. чизеро аз ҷое бо даст бардоштан: **қаламро гирифтан, телпакро аз сар гирифтан, чодир аз рӯй гирифтан**. 2. доштан бо даст, қапидан; **даст гирифтан** а) доштан, ба қабза даровардан; б) *маҷ.* дастгир кардан. 3. қабул кардан, пазируфтан: **ин шайх мурид намегирифт; ҳеҷ касро шарик нагирам ҳам, туро мегирам**. 4. ишғол кардан, забт кардан; соҳиб шудан, ба даст даровардан: **мактуб гирифтан, кина дар дил гирифтан, аз хондан завқ гирифтан**; **розигии** *касеро* **гирифтан** розигии касеро ба даст овардан. 5. рӯёндан, ба даст овардан, бардоштан; аз худ кардан, дарёфтан **ҳосил гирифтан**. 6. банд кардан, садд шудан, бастан пеши чизеро: **даҳонро маҳкам гирифтан** даҳонро маҳкам пӯшондан. 7. ситондан, зӯран рӯёндан, рабудан; **товон гирифтан, ҷарима гирифтан** зарари чизе ё касеро расидан ё пардохтан. 8. ба нумув даромадан, нумув кардан, сабзидан, амал кардан **ниҳол гирифт**. 9. тарошидан, буридан: **мӯйсар гирифтан, нохун гирифтан, риш гирифтан; сар гирифтан** сар буридан. 10. сакта пайдо кардан, лакнат пайдо намудан; **забонаш гирифт** забонаш дармонд; **овозаш гирифт** овозаш хаста шуд. 11. сайд кардан, шикор кардан, доштан: **моҳӣ гирифтан; дар шикор ду оҳу гирифт**. 12. воқеъ шудани кусуфу хусуфи Офтобу Моҳ. 13. *маҷ.* зан кардан, ба издивоҷ даровардан. 14. *маҷ.* хӯрдан, тановул кардан; нӯшидан: **нон гирифтан, ош гирифтан, қадаҳ гирифтан**. 15. фарз кардан, тасаввур кардан; **гирем**... фарз кунем...; тасаввур кунем...; **ба пеши чашм гирифтан** пеши назар овардан, тасаввур кардан. 16. *бо масдарҳо якҷоя омада, сар шудан ва давом доштани амалро мефаҳмонад.* 17. *дар таркибҳои феълӣ омада, барои худи шахс иҷро карда шудани амалро мефаҳмонад:* **кашида гирифтан, навишта**

**гирифтан, харида гирифтан**. 18. *ҳамчун феъли ёридиҳанда феълҳои таркибӣ месозад*: **пешвоз гирифтан, авҷ гирифтан, барор гирифтан, дам гирифтан, нишон гирифтан, ором гирифтан, рухсат гирифтан, фаро гирифтан; гирифтани вақт** гузаронидани вақт; **нафас гирифтан** нафас кашидан; **ном гирифтан** *ниг.* **ном**; **оташ гирифтан** а) шӯълавар шудан, даргирифтан, сӯхтан; б) *маҷ.* хашмгин шудан, оташин шудан; **печонда гирифтан** иҳота кардан, даври касе ё чизеро иҳота кардан; **унс гирифтан** одат кардан; қарин шудан; **фаро гирифтан** *ниг.* **фаро**; **хун гирифтан** *касеро* аз хуни ноҳақ рехтааш дар талвосаи ҷон мондани касе; аз хуни ноҳақ рехташуда бо ягон тариқ ҷазо дидани касе; **қарор гирифтан** ором шудан, таскин ёфтан; **акси** *чизеро* **гирифтан** мунъакис гардонидан; сурати чизеро бардоштан; **зери назар гирифтан** назорат кардан; дар мадди назар қарор додан; **зери по гирифтан** ба таги по андохтан; **роҳеро пеш гирифтан** ба роҳе рафтан; ба воситае амал кардан; **тарафи** *касеро* **гирифтан** касеро ҳимоя кардан, аз касе тарафгирӣ кардан, касеро ҷонибдорӣ кардан; **худро ба даст гирифтан** худро доштан ва идора кардан (*мас., дар вақти хашм*); **шакли** *чизеро* **гирифтан** ба шакли чизе даромадан, ба сурате зоҳир шудан; **аз дасти** *касе* **гирифтан** ба касе мадад расондан; **аз пои** *касе* **гирифтан** ба касе часпидан, ба касе ноҳақ муддаӣ шудан; **ба гап гирифтан** ба гап андохта боздоштан, ба гап андармон кардан; **ба назар гирифтан** эътибор додан, аҳамият додан; **ба ҳисоб гирифтан** а) дар назар доштан; б) ҳисоб кардан; ◊ **ҷонро ба каф гирифта**… бо тамоми қувва…, бо ҷидду ҷаҳди тамом…; худро ба хатар андохта…

**ГИРИФТАНӢ** گرفتنی *сифати феълии замони оянда аз* **гирифтан**; лоиқи гирифтан; он чи бояд гирифта шавад; **гирифтанӣ шудан** *чизеро* майл ва қасди гирифтан кардан, гирифтан хостан чизеро; **хабар гирифтанӣ** хабар гирифтан хостан, нияти хабаргирӣ доштан.

**ГИРИФТАХОТИР** گرفته‌خاطر ғамгин, андӯҳгин, маъюс, хафа.

**ГИРИФТОР** گرفتار 1. ба банду қайди чизе афтида, побанд, асир: **гирифторони ситам**. 2. саргарм, машғул. 3. *маҷ.* ошиқ, дилдода; **гирифтор гардидан (гаштан) // гирифтор омадан // гирифтор шудан** а) ба банду қайд афтодан, ба даст афтодан; б) дучор шудан; в) *маҷ.* мафтун шудан, ошиқ шудан; **гирифтори** *дарде* **будан** ба дарде мубтало будан, дардманд будан; **гирифтори** *чизе* **кардан** ба чизе дучор гардонидан, мубтало кардан.

**ГИРИФТОРӢ** گرفتاری 1. вазъ ва ҳолати бисёр сахт ва озордиҳанда, вобастагӣ, тааллуқ доштан. 2. ба қайд афтодан, дар банд будан; асирӣ, асорат; аз даст додани озодӣ ё оромиши хотир. 3. *маҷ.* ошиқӣ, мафтунӣ.

**ГИРИФТУГИР** گرفت‌وگیر *ниг.* **гирудор** 1.

**ГИРИФТУМОН** گرفت‌ومان *ниг.* **гирумон**.

**ГИРИҲА** گرهه *зоол.* кана, канаи шутур.

**ГИРКИШ** گرکیش *гуфт.* ба воситаи саг касеро пеш кардан, сагро ба касе ҳамлавар сохтан, сагро киш-киш додан.

**ГИРО** گیرا 1. гиранда; чизеро сахт гиранда, маҳкам доранда; **дасти гиро** сахтгиранда; дасти пурзӯр. 2. асбоби оҳанинест дар оҳангарӣ барои фушурда нигоҳ доштани чизҳои дигар (*мас., дар вақти сӯҳонкорӣ*). 3. қапқон, дом.

**ГИРОГИР** گیراگیر 1. дорудор, доругир, гирифтугир, ҳабскунӣ. 2. кашокаш, гирудор, задухӯрд. 3. пайгирона, дунбола–гирона; қариб баробари ҳам.

**ГИРОИДАН** گرائیدن *ниг.* **гароидан**.

**ГИРОИШ** گرایش *ниг.* **гароиш**.

**ГИРОЙ** گرایی 1. қуввати гирандагӣ, гиро будан. 2. таъсиргузаронӣ.

**ГИРОМӢ** گرامی киромӣ, арҷманд, азиз, мӯҳтарам, мукаррам; **гиромӣ доштан** иззат кардан, эҳтиром намудан.

**ГИРОНДАН** گراندن 1. *тарзи бавоситаи* **гирифтан**. 2. даргирондан, афрӯхтан: **оташ гирондан**, **чароғ гирондан**; ◊ **худашро гирондааст** хароб (лоғар) шудааст; хаставу беҳол гаштааст.

**ГИРУДОР** گرودار 1. афтударафт, дастбагиребонӣ, пархош,024 хархаша, кашмакаш. 2. ҳабсу дастгиркунӣ, шиканҷадиҳӣ, таъқиб. 3. *маҷ.* рафтор, муомила.

**ГИРУМОН** گرومان такопӯ, даводав; ҳаракату

кӯшиши зиёд дар иҷрои коре.

**ГИРЯ** گریه ҳолати аз чашм ашк рехтан, ки аз ғаму андӯҳ ё таассуроти сахт пайдо мешавад; **гиряи гулӯгир** гиряи сахти нафасгир; **гиряи ниҳонӣ** ашкрезии пинҳонӣ, дарун-дарун гиристан; **гиряву зорӣ** ашк рехта зорӣ кардан; **гиряву нола** доду фиғон бо ашкрезӣ; **гиря кардан** ашк рехтан, гиристан, гирён шудан; **гиря омадан** ҳолати пайдо шудани ашк аз шиддати ғам, ба гиря моил шудан; **гиря бардоштан** сахт гиря кардан, овоз баровarда гиристан; **гиря сар додан** якбора гиристан; **ба гиря даромадан** гиристан, гиря сар кардан; **бо ҳой-ҳой гиря кардан** бо доду фиғон гиристан; ◊ **гиряи абр** борон.

**ГИРЯАНГЕЗ** گریه‌انگیز *ниг.* **гиряовар**.

**ГИРЯНДА** گرینده *сифати феълии замони ҳозира аз* **гиристан**; гирякунанда, гирён, ашкрез, ашкбор.

**ГИРЯОВАР** گریه‌آور ашковар; ба дараҷае (таъсирбахш), ки гиря меоварад; ҳузновар, ҳузнангез.

**ГИРЯОЛУД** گریه‌آلود ашколуд, осори гиря дар чашму рӯ.

**ГИРЯОМЕЗ** گریه‌آمیز омехта бо гиря, гиряолуд: **овози гиряомез**.

**ГИСТОЛОГИЯ** *ю.* گیستلاگیه *ниг.* **бофташиносӣ**.

**ГИТАРА** *лот.* گیتره навъи асбоби тордори мусиқӣ.

**ГИТАРАНАВОЗ** گیتره‌نواز он ки гитара менавозад, навозандаи гитара.

**ГИТАРАНАВОЗӢ** گیتره‌نوازی амал ва шуғли гитаранавоз.

**ГИҶ** گج ҳайратзада, саргаранг; **бо майнаи гиҷ** бо сари гаранг; **сари (майнаи)** *касеро* **гиҷ кардан** касеро гаранг кардан; **сар (майна) гиҷ шудан** гаранг шудан, ҳеҷ чизро нафаҳмидан.

**ГИҶҶА** گیجه *ниг.* **киҷҷа**.

**ГЛИТСЕРИН** *ю.* گلیتسرین моеи шарбатмонанди ғализ, ки бо усули химиявӣ аз равған ҳосил карда, дар тиб ва техника истифода мебаранд.

**ГЛОБАЛИЗАТСИЯ** *фр.* گلابلیزتسیه *нав.* 1. фарогирии тамоми рӯи Замин; ҷаҳонишавӣ, ҷаҳонигарой. 2. *с.* сиёсати хориҷии давлате, ки он ба мудохила ба корҳои дохилии мамлакатҳои дигар ва бо зӯрӣ бор кардани иродаи худ ба дигарон асос ёфтааст; тамоюли ҳукмрони тамоми ҷаҳон шудан.

**ГЛОБУС** *лот.* گلابوس кураи Замин, кураи ҷуғрофиёӣ, ки ба пояи амудӣ насб гардида, дар меҳвари худ давр мезанад.

**ГЛЮКОЗА** *ю.* گلیوکازه моддаи ширин, ки дар таркиби аксари меваҳо (*махсусан ангур, анҷир, олу*) мавҷуд аст ва дар саноат бо гидролизи крахмал ҳосил мекунанд (*дар қаннодӣ, машруботсозӣ ва тиб истифода мешавад*).

**ГНОСЕОЛОГИЯ** *ю.* گناسیآلاگیه *фалс.* назарияи маърифат – таълимот роҷеъ ба имконияти оламро дарк кардани инсон, меъёри ҳақиқат ва дурустии маърифат.

**ГНОСЕОЛОГӢ** گناسیآلاگی *фалс. мансуб ба* **гносеология**.

**ГНОСТИТСИЗМ** *ю.* گناستیسیزم *фалс.* ҷараёни динии фалсафии насронӣ, ки мувофиқи таълимоти он дониши инсон гӯё на аз таъсири ашё ва ҳодисаҳои олами моддӣ, балки дар натиҷаи илҳоми илоҳӣ пайдо шудааст.

**ГОВ** گاو 1. чорпои шоху сумдори ширдеҳи маъруф, гав; **аз гови шохзан оғили холӣ беҳ** (*зарб*); **гови дӯшой // гови ҷӯшой** модагови ширдеҳ; **гови Замин** гови афсонавӣ, ки гӯё Замин дар шохҳои он, худи гов болои моҳӣ ва моҳӣ ба рӯи об қарор гирифта будааст; **гови корӣ** гове, ки бо он заминро шудгор мекунанд, барзагов, наргов. 2. қадаҳ, сурохӣ, ҷом, зарфи шароб, ки ба шакли гов сохта шудааст; **гови зарин** ҷоми тиллой, ки ба сурати гов сохта шудааст. 3. *маҷ.* паҳлавон, мубориз, далер. 4. *маҷ.* бузург, калон, мӯътабар. 5. *маҷ.* нодон, аблаҳ, аҳмақ; ◊ **гови анбарзой** (ё анбар) ҳайвони баҳрӣ, ки аз он анбар мегиранд; **гови баҳрӣ** (ё дарё) *ниг.* **гови анбарзой**; **гови кӯҳӣ** гавазн; **гови нар дӯшидан** кори беҳуда кардан; **гов бар ганҷ рондан** давлатманд ва тавонгар шудан, соҳиби сарват гардидан (*ишора ба афсонае, ки деҳқоне дар вақти шудгор ганҷ ёфта будааст*); **гов дар хирман кардан** *касеро* кори касеро помол кардан, расво кардан, кори касеро табоҳ сохтан; **бурҷи**

**Гов // бурҷи Савр ё Гови сипехр** аз рӯи тақвими қадим номи бурҷи дуюм аз дувоздаҳ бурҷи фалакӣ; **соли гов** *ниг.* **бақар**.

**ГОВАРС** گاورس *бот.* арзани манҷурӣ, ки монанди чойҷуворӣ буда, баландиаш то 4 метр мешавад ва ҳамчун хӯроки чорво истифода мегардад.

**ГОВАРСА** گاورسه 1. *ниг.* **говарс**. 2. донаи реза ба андозаи як арзан, ки аз тило ва нуқра месохтанд; **говарсаи нуқрагин** *киноя аз* гавҳари теғ, обу тоби шамшер, ки аз тобиши мавҷҳои шамшер иборат аст.

**ГОВБАНД** گاوبند банди калон, дарзаи бузург (-и алаф *ва г.*).

**ГОВБАНДӢ** گاوبندی бастани гов: **ҳавлии (ҷои) говбандӣ**.

**ГОВБОЗ** گاوباز 1. паҳлавоне, ки говро мебардорад. 2. *варз.* он ки пиёда ё савора бо гов меҷангад. 3. он ки парвариш ё хариду фурӯши гов шуғли дӯстдоштаи ӯст.

**ГОВБОЗӢ** گاوبازی амали говбоз, говро ба бозӣ гирифтан ва бо он мубориза кардан, бозии миллии мардуми Испания.

**ГОВБОН** گاوبان нигоҳубинкунандаи гов; парвокунанди гов; подабон.

**ГОВБОНӢ** گاوبانی амал ва шуғли говбон, подабонӣ.

**ГОВБОРА** گاوباره *ниг.* **говбон**.

**ГОВГАДАНГ** گاوگدنگ *гуфт.* мисли гов қӯпал, калонҷуссаи бефаҳм, лаванд.

**ГОВГОҲ** گاوگاه чоҳи амиқу чуқур ва васеъ.

**ГОВГУМ** گاوگم нимторикии бегоҳирӯзӣ, ки дида шинохтани чизҳо душвор мегардад, шомгоҳ.

**ГОВГУН** گاوگون *ниг.* **говгум**.

**ГОВГӮШ** گاوگوش аспе, ки параҳои гӯшаш ба тарафи рӯи гӯш хобида бошад.

**ГОВДИЛ** گاودل 1. нотарс, ҷасур. 2. *кит.* аҳмақ, нодон.

**ГОВДОР** گاودار он ки ба парвариш ва нигаҳбонии гов машғул аст.

**ГОВДОРӢ** گاوداری 1. амал ва шуғли говдор. 2. ҷое, ки дар он ҷо барои истеҳсоли ширу гӯшт ва фурӯши маҳсулоти ширию гӯштӣ гов парвариш мекунанд.

**ГОВДУМ** گاودم *кит.* асбоби мусиқии карнай-монанд, карнайи хурд.

**ГОВДӮШ** گاودوش 1. он ки дӯшидани говҳо шуғли ӯст (*дар чорводорӣ*), говҷӯш. 2. *кит.* зарфи саркушод ва тагаш танг, ки маъмулан бо он шир меҷӯшанд.

**ГОВДӮША** گاودوشه зарфи сафолини дугӯшаи махсуси ширдӯшӣ, хурма.

**ГОВДӮШӢ** گاودوشی дӯшидани гов, ширҷӯшӣ, говҷӯшӣ.

**ГОВЁЛ** *фр.* گاویال *зоол.* навъи тимсоҳ, ки беш аз шаш метр дарозӣ дошта, дар манотиқи Ҳинд ва Укёнусия зиндагӣ мекунад.

**ГОВЗАБОН** گاوزبان *бот.* гиёҳе, ки барги он ба забони гов монанд аст ва гули онро дар тибби халқӣ ҳамчун даво истифода мебаранд.

**ГОВЗАНБӮР** گاوزنبور *зоол.* як ҷинси занбӯри калон.

**ГОВЗАҲРА** گاوزهره 1. моддаи сангмонанде, ки дар заҳраи гов пайдо мешавад ва дар тибби халқӣ ҳамчун даво истифода мекунанд. 2. *маҷ.* нотарс, шуҷоъ, далер.

**ГОВЗӮР** گاوزور он ки ниҳоят қавӣ аст; одами зӯр; он ки бе таълиму машқ дар гӯштингирӣ моҳир аст.

**ГОВЗӮРӢ** گاوزوری *гуфт., маҷ.* ниҳояти зӯрӣ, боқувватии аз ҳад зиёд; **говзӯрӣ кардан** а) зӯри зиёд нишон додан; б) *маҷ.* зулму ситам кардан.

**ГОВИГАРӢ** گاویگری беадабӣ; бефаҳмӣ, бефаросатӣ.

**ГОВИЗАНА** گاویزنه номи навое аз мусиқӣ.

**ГОВӢ** گاوی 1. *марбут ба* **гов**. 2. таҳияшуда ё бадастомада аз гов. 3. *маҷ.* нодонӣ, аблаҳӣ, бехирадӣ.

**ГОВКАШ** گاوکش бардорандаи гов, пурзӯр, боқувват.

**ГОВКИСА** گاوکیسه гове, ки дорои лаккаҳои

сафеду сиёҳ аст; ◊ **говкиса ба чарм андар будан** оқибати кор маълум набудан.

**ГОВЛАНД(Ӣ)** (گاولند(ی *гуфт.* мисли гов калону бешуур; беақл, лаванд.

**ГОВМАЛАХ** گاوملخ *зоол.* як ҷинси малахи калон.

**ГОВМАРГӢ** گاومرگی *тиб.* вабои гов, говмирӣ.

**ГОВМЕШ** گاومیش *зоол.* чорпоест аз ҷинси гов, ки тани бузург, гардани ғафси кӯтоҳ ва шохҳои калони хамида дорад.

**ГОВМИРӢ** گاومیری *ниг.* **говмаргӣ**.

**ГОВМОНАНД** گاومانند монанди гов, ба сони гов, шабеҳи гов.

**ГОВМОҲӢ** گاوماهی *зоол.* **делфин**.

**ГОВОРА** I گاواره *шакли кӯтоҳшудаи* **гоҳвора // гаҳвора**.

**ГОВОРА** II گاواره *кит.* галаи гов, подаи гов.

**ГОВОҲАН** گاوآهن *кишов.* олати оҳанинест, ки ба нӯги испор (омоч) насб карда, заминро шудгор мекунанд, поза, оҳани омоч, оҳани ҷуфт.

**ГОВПАЙКАР** گاوپیکر одами қавиҳайкал, бузургҷусса, говҳайат; **гурзи говпайкар** *ниг.* **говсар (гурзи говсар)**.

**ГОВПАРАСТ** گاوپرست он ки говро маъбуди худ қарор дода, парастиш мекунад.

**ГОВПАРАСТӢ** گاوپرستی амали говпараст (*говпарастӣ ва муқаддас шумурдани он барои гурӯҳе аз мардуми Ҳинд хос аст*).

**ГОВПОЙ** گاوپایی чаронидани говҳо; нигоҳубини гов, говбонӣ, подабонӣ.

**ГОВПОЙ** گاوپای парвокунандаи гов, говбон.

**ГОВПӮСТ** گاوپوست 1. пӯсти гов, ки дар он зар мерехтанд. 2. *маҷ.* воҳиди андозагирии вазн, қинтор (воҳиди андозагирии вазн, ки ба 57-59 кг баробар будааст).

**ГОВРАВҒАН** گاوروغن равғане, ки аз маскаи гов таҳия мешавад, равғани зард.

**ГОВРАНГ** گاورنگ говмонанд; **гурзи говранг** *ниг.* **говсар (гурзи говсар)**.

**ГОВРИШ** گاوریش 1. *гуфт.* он ки риши дарози ғулӣ дорад. 2. *маҷ.* одами гӯл, аҳмақ, аблаҳ, бефаҳм.

**ГОВРОН** گاوران ронандаи говҳо дар вақти ҷуфтронӣ ё бурдан ба чарогоҳ.

**ГОВРОНА** گاورانه калтаки говронӣ, чӯбдасти говрон.

**ГОВРОНӢ** گاورانی рондани говҳо ба чарогоҳ *ва ғ.*

**ГОВРӮЙ** گاوروی он ки рӯяш монанди гов аст, говчеҳра, говшакл.

**ГОВСАНДУҚ** گاوصندوق сандуқи калони оҳанӣ барои нигаҳдории пул ва ашёи қимат.

**ГОВСАР** گاوسر 1. чӯбе, ки дар болои чодар ё хайма насб мекунанд. 2. *ниг.* **говсор**: **гурзи говсар**. 3. аз айбҳои асп.

**ГОВСОР** گاوسار ба шакли сари гов, говмонанд, говшакл; **гурзи говсор** *таър.* гурзе, ки сараш монанди сари гов ва шохдор будааст.

**ГОВТАБЪӢ** گاطبعی *кит., маҷ.* аблаҳӣ, нодонӣ, бехирадӣ.

**ГОВТОЗ** گاوتاز *кинoя аз* касе, ки лофи зӯрмандӣ ва паҳлавонӣ мезанад ва худро ба душман ғолиб нишон медиҳад.

**ГОВТОЗӢ** گاوتازی *киноя аз* таҳдид, тарсонидан.

**ГОВХАЛТА** گاوخلته халтаи калон.

**ГОВХОНА** گاوخانه биное барои баста нигоҳ доштани говҳо; оғил.

**ГОВХӮР** گاوخور *маҷ.* пурхӯр, бисёрхӯр.

**ГОВЧАРОН** گاوچران он ки говонро ба чаро мебарад, чаронандаи гов, говпой, говбон.

**ГОВЧАРОНӢ** گاوچرانی говпойӣ, говбонӣ.

**ГОВЧАШМ** گاوچشم 1. он ки чашмаш мисли чашми гов калон аст, чашмкалон, фарохчашм. 2. *бот.* бобуна, номи гули берунсафеди дарунзард.

**ГОВЧЕҲР** گاوچهر *кит.* говсурат, говрӯй, говшакл; **гурзаи говчеҳр** *ниг.* **говсор, гурзи говсор**.

**ГОВҶАЛЛОБ** گاوجلاب он ки чорпоро харида,

бо фоидааш мефурӯшад, савдогари чорпои калон, молҷаллоб.

**ГОВҶАЛЛОБӢ** گاوجلابی амал ва шуғли говҷалобӣ, молҷаллобӣ.

**ГОВҶИГАР** گاوجگر *маҷ.* нотарс, далер, ҷасур.

**ГОВҶУССА** گاوجثّه говпайкар, одами тануманд.

**ГОВҶӮШ** گاوجوش *ниг.* **говдӯш**.

**ГОВҶӮШӢ** گاوجوشی *ниг.* **говдӯшӣ**.

**ГОВШИР** گاوشیر *бот.* гиёҳи алафӣ аз хонаводаи ҷаъфарӣ, ки шираи он хосияти давоӣ дорад.

**ГОЗ** I گاز 1. газиш, газидан бо дандон. 2. анбӯри мехкашӣ; анбӯр. 3. қайчии токбурӣ.

**ГОЗ** II گاز *кит.* дарахти коҷ, санавбар.

**ГОЗ** III گاز *ниг.* **газ**.

**ГОЗА** گازه *ниг.* **коза**.

**ГОЗУР** گازور *кит.* либосшӯй, ҷомашӯй, шустагар, козур.

**ГОЗУРГОҲ** گازورگاه ҷои гозурӣ, ҷои ҷомашӯӣ.

**ГОЛ** I گال *кит.* 1. гурезиш, гурехтан. 2. овози баланд.

**ГОЛ** II *англ.* گال *варз.* холи бурд, ки дар бозии футбол, чавгон, хоккей *ва г.* баъди аз дарвоза гузаронидани тӯб ҳисоб мешавад.

**ГОЛИДАН** گالیدن *кит.* 1. овози баланд баровардан, фарёд кардан. 2. гурехтан, дур шудан, канора гирифтан.

**ГОЛЛАНДӢ** گالندی 1. *мансуб ба* давлати Голландия. 2. намояндаи миллати голландӣ.

**ГОМ** گام *кит.* фосилаи байни ду пой дар вақти рафтан, қадам.

**ГОМОФОНИЯ** *ю.* گامافانیه *мус.* навъе аз мусиқии бисёровоза, ки дар он як овоз мавқеи муҳим дошта, овозҳои дигар ба он ҷӯр мешаванд.

**ГОМШУМОР** گام‌شمار **:ба гомшумор роҳ рафтан** *кит.* бо эҳтиёт роҳ рафтан.

**ГОРД** *фр.* گارد *ниг.* **гвардия**.

**ГОРИЛЛА** *англ.* گاریله *зоол.* маймуни калони одамшакл, ки дар Африқои Марказӣ зиндагӣ мекунад.

**ГОРМОН** *ю.* گارمان *биол.* моддаи аз ҷиҳати биологӣ фаъол, ки онро ғадудҳои дарунӣ ҷудо намуда, бевосита ба таркиби хун дохил мекунанд.

**ГОСПИТАЛ** *ю.* گاسپیتل беморхонаи ҳарбӣ.

**ГОТИКА** *фр.* گاتیکه услуби махсуси санъати меъмории Аврупои Ғарбӣ дар асрҳои XII - XV.

**ГОТИКӢ** گاتیکی *мансуб ба* **готика**; **ҳуруфи готикӣ** хати махсуси ҳарфҳояш гӯшадор.

**ГОФ** گاف *номи ҳарфи бисту шашуми алифбои арабиасоси тоҷикӣ, ки дар ҳисоби абҷад мисли ҳарфи «коф» ба адади 20 баробар аст.*

**ГОҲ** گاه 1. ҷой, макон (*ба ин маъно бештар ҳамчун ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб меояд*: **коргоҳ, хобгоҳ, чарогоҳ**). 2. вақт, замон. 3. баъзан, баъзе вақт: **гоҳ..., гоҳ(е)...; гоҳе** баъзан, баъзе вақт; **он гоҳ** он вақт; баъд аз он; **чанд гоҳ** чанд вақт, муддате; **ҳар сари чанд гоҳ** ҳар сари чанд вақт, ҳар замон; баъзан, гоҳо; **ҳар гоҳ** ҳар вақт, вақте, мавриде; **ҳеҷ гоҳ** ҳеҷ вақт, ҳаргиз; **гоҳ-гоҳ** баъзан, аҳёнан, баъзе вақт; **гоҳ-ногоҳ // гоҳу бегоҳ** ҳар вақт, ҳар замон; баъзан; вақту бевақт. 4. тахт, авранг, сарир, тоҷу тахт.

**ГОҲАНБОР** گاهنبار мувофиқи ақидаи динӣ шаш рӯз ё шаш гоҳро (замонро) мегӯянд, ки дар ин муддат Худо дунёро офаридааст; масалан, бино ба китоби Зардушт дунё дар шаш гоҳ (замон) офарида шудааст: дар гоҳи аввал дар муддати чил рӯз – осмонҳо, дар гоҳи дуюм дар муддати шаст рӯз – обҳо, дар гоҳи сеюм дар муддати ҳафтоду панҷ рӯз – замин, дар гоҳи чорум дар муддати сӣ рӯз – растанӣ ва гиёҳҳо, дар гоҳи панҷум дар муддати ҳаштод рӯз – ҳайвонот ва дар гоҳи шашум дар муддати ҳафтоду панҷ рӯз – одам; ҳар яке аз ин гоҳҳо номи махсусе дорад.

**ГОҲАНГОН** گاهنگان *нуҷ.* Роҳи Каҳкашон.

**ГОҲБОР** گاهبار *ниг.* **гоҳанбор**.

**ГОҲВОР** گاهوار *ниг.* **гоҳвора**.

**ГОҲВОРА** گاهواره *ниг.* **гаҳвора**.

**ГОҲГИР** گاه‌گیر он ки дар корҳо ҷиддӣ нест ва фақат гоҳ-гоҳ аз худ ҷиддияту серталабӣ зоҳир мекунад; он чи, ки хеле ба нудрат пайдо мешавад.

**ГОҲӢ** گاهی *кит.* 1. *мансуб ба* **гоҳ**. 2. тахтнишин, подшоҳ.

**ГОҲО** گاها гоҳе, баъзан, баъзе вақт, гоҳ-гоҳ.

**ГОҲНОМА** گاه‌نامه тақвим, ҷадвали солу моҳу рӯз бо сония, дақиқа ва соат.

**ГОҲҶӮЙ** گاه‌جوی *кит.* ҷӯяндаи тахти подшоҳӣ.

**ГОҲШУМОРӢ** گاه‌شماری нигоҳ доштани ҳисоби солу моҳу рӯз; тақвим, солшуморӣ.

**ГОҶ** گاج аҳмақ, аблаҳ; каллакаду: **одами гоҷ; гоҷ кардан** *касеро* аҳмақ кардан, фанд додан, фиреб додан касеро.

**ГОҶИГАРӢ** گاجی‌گری *ниг.* **гоҷӣ**.

**ГОҶӢ** گاجی аҳмақӣ, аблаҳӣ; бефаросатӣ; **гоҷигарӣ кардан** рафтору гуфтори номақбул кардан (*аз қабили* сабукӣ, беадабӣ, худситоӣ *ва г.*).

**ГОШТАН** گاشتن 1. гардондан, гардонидан (*сарро, рӯйро*). 2. давр занондан.

**ГРАЖДАНИН** گرژدنین *ниг.* **шаҳрванд**; табаа, фуқаро.

**ГРАЖДАНӢ** گرژدنی 1. *ниг.* **шаҳрвандӣ**: **ҳуқуқи граждании**. 2. ғайриҳарбӣ, ғайринизомӣ: **авиатсияи (ҳавопаймоии) гражданӣ**; **мудофиаи гражданӣ** *ниг.* **мудофиа**; **никоҳи гражданӣ** қайди никоҳ дар идораи давлатӣ (*бе риояи расму русуми анъанавӣ ва динӣ*); **ҷанги гражданӣ** муборизаи мусаллаҳона байни синфҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоии дохили як давлат, ҷанги шаҳрвандӣ, ҷанги дохилӣ.

**ГРАММ** *фр.* گرم воҳиди ченаки вазн дар системаи метрӣ, ки аз ҳазор як ҳиссаи килограмм буда, ба вазни як мукааб сантиметр об баробар аст.

**ГРАММАТИКА** *ю.* گرمتیکه 1. *збш.* қисми забоншиносӣ, ки қоидаҳои сохтан, тағйир дода истифода бурдани калимаву ибораҳо ва хелҳои ҷумла, яъне морфология ва синтаксисро дар бар мегирад, сарфу наҳв. 2. китобе, ки дар он қоидаҳои сарфу наҳв баён ёфтааст, дастури забон.

**ГРАММАТИКӢ** گرمتیکی *мансуб ба* **грамматика**: **хатои (ғалати) грамматикӣ**.

**ГРАНАТА** *олм.* گرنته *ҳ.* норинҷак, як навъ лавозимоти ҷангӣ барои нобуд кардани қувваҳои зинда ва техникаи ҷангии душман, ки ба воситаи тӯп ва ё дастӣ ба нишон мепартоянд.

**ГРАНАТААНДОЗ** گرنته‌انداز 1. сарбозе, ки аз силоҳи гарнатапартоб истифода мекунад. 2. силоҳи гранатапартоӣ, гранатамёт.

**ГРАНТ** گرنت шакли маблағгузории иловагӣ барои корҳои тадқиқотии илмӣ, ки ба тарзи озмун пешниҳод карда мешавад.

**ГРАФ** *ю.* گرف унвони ашрофӣ ва соҳиби ин унвон.

**ГРАФИКА** گرفیکه 1. навъи санъати тасвирӣ, ки расмҳоро ба воситаи хату раҳҳои сиёҳ (*бе истифодаи рангҳои гуногун*) мекашанд; асарҳои ин навъи санъати тасвирӣ, сиёҳқалам. 2. *збш.* маҷмӯи воситаи хати забон, таҳқиқи таносуби хат ва ово дар забон.

**ГРЕЙДЕР** *англ.* گریدر *тех.* мошини ҳамворкунандаи сатҳи роҳҳо пеш аз сангфарш кардан ва асфалт пӯшонидан.

**ГРИМ** *фр.* گریم ранг ва хамираҳои махсусе, ки актёрон намуди зоҳирии худро дигар мекунанд.

**ГРИПП** *фр.* گریپ *тиб.* касалии вазнини сирояткунанда ва тез паҳншавандаи роҳҳои нафасгирии инсон, ки табу ларза, дарди сару мушакҳо, сулфаю зуком аз аломатҳои он ҳисоб мешаванд, зуком.

**ГРОССМЕЙСТЕР** *олм.* گراسمیستر 1. унвони олии варзишӣ оид ба шоҳмот ва шашка. 2. устоди шоҳмот ё шашка, ки ба ин унвон сарфароз гардидааст.

**ГУВОЖА** گواژه шӯхӣ, мазоҳ, масхара; **гувожа задан** масхара кардан, сарзаниш кардан, таъна задан.

**ГУВОЛИДАН** گوالیدن андӯхтан, анбор кардан, анбоштан; болидан, нумӯъ кардан.

**ГУВОР** گوار 1. гуворо, созгор, форам; хушнуру хушзеҳн, ширин, лаззатнок. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* гуворанда, гуворишшаванда, ҳазмшаванда:

**хушгувор, бадгувор, осонгувор**.

**ГУВОРАНДА** گوارنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **гуворидан**; гуворо, ҳазмшаванда.

**ГУВОРАНДАГӢ** گوارندگی *шакли дигари сифати феълии замони ҳозира аз* **гуворидан**; хушгуворӣ, гуворо будан, дилчаспӣ.

**ГУВОРИДАН** گواریدن *кит.* 1. ҳазм шудан. 2. хушу форам омадан, форидан (*дар бораи хӯрданиҳо*).

**ГУВОРИШ** گوارش *кит.* 1. *исми феълӣ аз* **гуворидан**; ҳазм, ҳазмкунӣ. 2. *тиб.* маъҷуне ё таркибе, ки барои зуд ҳазм кардани хӯрок мехӯранд.

**ГУВОРО** گوارا хушмаза, хуштаъм, хушҳазм; мувофиқи табъ ва завқ, матбӯъ, форам; **гуворо омадан** форам будан; писанд афтодан.

**ГУВОРОӢ** گوارایی гуворо будан, форамӣ, матбӯъ будан.

**ГУВОРОН** گواران *ниг.* **гуворо**.

**ГУВОҲ** گواه шоҳид, шаҳодатдиҳанда; **гувоҳ нишон додан // гувоҳ овардан** касеро ё чизеро барои тасдиқи амале шоҳид қарор додан; **гувоҳ шудан** шоҳид шудан.

**ГУВОҲИНОМА** گواهی‌نامه *ниг.* **гувоҳнома**.

**ГУВОҲӢ** گواهی шоҳидӣ, шаҳодат, гувоҳ будан (шудан); **гувоҳӣ додан** шаҳодат додан, далели чизе будан; **дил гувоҳӣ додан** боварӣ доштан; яқинан донистан.

**ГУВОҲНОМА**گواهنامه *ниг.* **шаҳодатнома**.

**ГУВОШТАН** گواشتن гуворидан.

**гудоз** گداز 1. *асоси замони ҳозира аз* **гудохтан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* гудозанда: **чӯянгудоз**, **пӯлодгудоз**, **ҷонгудоз**…

**ГУДОЗ** گداز 1. гудозиш, обшавӣ, гудохташавӣ. 2. *маҷ.* сӯзиш, дард, алам; **сӯзу гудоз** азоб, машаққат; алам, ғаму андӯҳи бисёр.

**ГУДОЗА** گدازه моддаҳои сӯзон, ки аз кӯҳҳои оташфишон берун мерезанд, гудохта, тафта.

**ГУДОЗАНДА** گدازنده қобили завб, гудозпазир, оҳан ё филизи дигар, ки обшаванда аст.

**ГУДОЗВАР** گدازور танакор.

**ГУДОЗГАР//ГУДОЗИШГАР** گدازگر//گدازشگر он ки филизотро мегудозад, гудозанда.

**ГУДОЗИДА** گدازیده *сифати феълии замони гузашта аз* **гудохтан**; обшуда, завбшуда, гудохташуда.

**ГУДОЗИДАН** گدازیدن *тарзи бавоситаи* **гудохтан**; об кардан.

**ГУДОЗИШ** گدازش *исми феълӣ аз* **гудохтан**; аз ҳолати сахтӣ ба ҳолати моеъ гузаштани модда бо таъсири гармӣ, завб.

**ГУДОЗИШГАР** گدازشگر *ниг.* **гудозгар**.

**гудохт** گداخت *асоси замони гузашта аз* **гудохтан**.

**ГУДОХТА** گداخته *сифати феълии замони гузашта аз* **гудохтан**; гудоза; **гудохта шудан** об карда шудан, завб шудан.

**ГУДОХТАН** گداختن 1. моддаи сахтро ба воситаи гармои баланд моеъ гардонидан, об кардан. 2. об шудан, завб шудан. 3. *маҷ.* азоби бисёр кашидан, дар азоб сӯхтан; ниҳоят ғам хӯрдан.

**ГУДОХТАНӢ** گداختنی 1. *сифати феълии замони оянда аз* **гудохтан**. 2. гудохта–шаванда, қобили гудозиш; он чи бояд гудохта шавад.

**ГУДРОН** *фр.* گودران моддаи аз партови нафт ҳосилшуда, ки ҳамчун сӯзишворӣ, маводи оиқкорӣ дар симҳои барқ ва барои фарши роҳҳо истифода мешавад, қатрон, қир.

**ГУЖОР** گژار *кит.* сангдони мурғ, чиғилдони мурғ, чинадони мурғ.

**гузар** گذر 1. *асоси замони ҳозира аз* **гузаштан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* гузаранда: **тезгузар, зудгузар**.

**ГУЗАР** گذر 1. гузаштан, гузариш; **роҳи гузар** гузаргоҳ, роҳи равуо. 2. ҷои убур, гузаргоҳ; роҳи рафтуомад. 3. сероҳа ё чорроҳаи шаҳру деҳот, ки дар он мағозаву дӯконҳои гуногун, чойхонаву сартарошхона *ва г.* воқеъ аст. 4. *таър.* воҳиди ҳудудии маъмурӣ дар шаҳру деҳоти Осиёи Миёна то инқилоби Октябр (*мас., гузари Сӯзангарон дар Бухоро, гузари Чинор дар Кӯлоб ва г.*), маҳалла; **гузар афтодан** *ба ҷое* иттифоқан аз ҷое гузаштан, тасодуфан аз ҷое убур

кардан; **гузар доштан** а) гузаштан, убур кардан аз ҷое ё роҳе; б) рафтан ба сӯе, омадан ба назди касе; **гузар кардан** а) гузаштан, гузашта рафтан; б) *киноя аз* вафот кардан.

**ГУЗАРАНДА** گذرنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **гузаштан**. 2. гузашта раванда, раҳгузар: **диққати гузарандаро ба худ ҷалб мекард**. 3. сирояткунанда: **касалиҳои гузаранда**; **феъли гузаранда** *грам.* феъле, ки амали он ба мафъул (пуркунанда) мегузарад, феъли мутааддӣ; *муқоб.* **монда** (*аз қабили* дидан, овардан, хӯрдан).

**ГУЗАРГАҲ** گذرگه *ниг.* **гузаргоҳ**.

**ГУЗАРГОҲ** گذرگاه ҷои гузаштан, маъбар, убургоҳ; **гузаргоҳи об** ҷои равон шудани об, ҷараёнгоҳи об, маҷро.

**ГУЗАРИШ** گذرش *исми феълӣ аз* **гузаштан**; гузаштан аз як ҷой ба ҷои дигар; **давраи гузариш** замони табдили як ҳолат ба ҳолати дигар.

**ГУЗАРӢ** گذری гузаранда, убуркунанда.

**ГУЗАРО** گذرا 1. гузаранда, гузашта, нопойдор, раванда; **гузарои роҳ** гузарандаи роҳ, роҳгузар. 2. *маҷ.* ҳар чиз ё касе, ки аз ягон ҷиҳат ё сифат аз ҳад гузаштааст ва ё бартарии зиёде дорад: **аҳмақи гузаро, доނои гузаро, хушхати гузаро; ноинсофии гузаро** *киноя аз* камоли ноинсофӣ, ноинсофии аз ҳад зиёд. 3. *маҷ.* бурро, тез.

**ГУЗАРОН** گذران *феъли ҳол ва сифати феълии замони ҳозира аз* **гузаштан**; 1. гузаранда; **гузарони роҳ** роҳгузар. 2. *маҷ.* бебақо, нопойдор, фонӣ: **умри гузарон, дунёи гузарон**.

**ГУЗАРОНАНДА** گذراننده *сифати феълии замони ҳозира* аз **гузарон(и)дан**.

**ГУЗАРОН(И)ДАН** گذراندن//گذرانیدن *тарзи бавоси–таи* **гузаштан**. 1. чизеро аз даруни чизе убур додан (*мас.*, *риштаро аз сӯрохи сӯзан*); чизеро ба воситаи чизе интиқол додан. 2. касеро ё чизеро аз ҷое ба ҷои дигар бурдан; тағйир додани ҷои касе ё чизе; **аз дарё гузаронидан** ба он тарафи дарё убур додан, ба он тарафи дарё гирифта гузаштан. 3. гирифта бурдан, убур кунондан, гирифта гузаштан. 4. ба сар бурдан, тай кардан; **рӯз(ро) гузаронидан** умр ба сар бурдан, зиндагӣ кардан; **умр гузаронидан** умр ба сар бурдан, зиндагӣ кардан. 5. анҷом додан, ба охир расондан. 6. рӯнавис кардан, аз рӯи матне бардошта навиштан, нақл кардан. 7. ташкил кардан, барпо намудан: **маҷлис гузаронидан, намоиш гузаронидан;** ◊ **аз дами шамшер гузаронидан** куштан, қатл кардан; **аз дил гузаронидан** фикр кардан, хаёл кардан; **аз назар гузаронидан** а) дида баромадан, баррасӣ кардан; б) муоина намудан; тамошо кардан; **аз сар гузаронидан** паси сар кардан, ба сар бурдан, дидан, сипарӣ кардан; **аз ҳад гузаронидан** аз доираи эътидол берун баромадан, аз андоза таҷовуз кардан, ифрот кардан; **нафас нагузаронида** беист, таваққуф накарда, дам нагирифта (*мас.*, гап задан).

**гузашт** گذشت *асоси замони гузашта аз* **гузаштан**.

**ГУЗАШТ** گذشت 1. гузариш, мурур, гузашта рафтан: **гузашти айём**. 2. *маҷ.* даст кашидан аз нафъи худ ба нафъи каси дигар; **гузашт кардан** бахшидан, ба манфиати каси дигар аз баҳри чизе баромадан; аз қимати аслиаш кам кардан.

**ГУЗАШТА** گذشته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **гузаштан**. 2. он ки ё он чи аз ҷое гузашта рафтааст, рафта, убуркарда. 3. пеш, пешин, пешина, собиқ. 4. вақти пеш, пештар, собиқ. 5. он чи аз сар гузаштааст, саргузашт; **замони гузашта** а) давраи пеш; б) *грам.* яке аз се замони асосии феъл, ки амалу ҳолати пеш аз замони нутқи гӯянда воқеъшуда ё амали ба охир расидаеро ифода мекунад, мозӣ; **дере нагузашта**… пас аз андаке вақт, баъди андаке, баъд аз фурсате; **гузашта рафтан** наистода рафтан, таваққуф накарда роҳи худро давом додан; ◊ **аз рӯи** *касе* **гузашта натавонистан** хоҳиши касеро рад карда натавонистан.

**ГУЗАШТАГАРОӢ** گذشته‌گرایی гароиш доштан ва бартарӣ додан ба ҳодисаҳои гузашта, парастиши кору бори гузаштагон.

**ГУЗАШТАГОН** گذشتگان *ҷ.* **гузашта**; 1. пешиниён, қадимиҳо. 2. падару бобоҳои раҳматкарда.

**ГУЗАШТАН** گذشتن 1. гузар кардан, убур кардан аз ҷое, раҳгузар шудан аз ҷое ё аз пеши касе; аз ҷое ба ҷое рафтан. 2. дохил шудан, даромадан; нуфуз кардан (*аз байн ё даруни чизе ба ҷое*). 3. ҷорӣ шудан, равон

гаштан (*мас.*, *об аз банд*). 4. мурур кардан, сипарӣ шудан, тай шудан; **мавсими** *чизе* **гузаштан** мавсими чизе паси сар шудан, мавсими чизе тамом шудан; **синнаш аз панҷоҳ гузаштааст** синнаш аз панҷоҳ зиёд аст. 5. интиқол ёфтан аз ҳолате ба ҳолате, табдил ёфтан, тағйир ёфтан: **гузаштани тағйироти миқдорӣ ба сифатӣ**. 6. *маҷ*. вафот кардан, мурдан, фавтидан, даргузаштан. 7. пеш рафтан, пешсаф шудан: **Аҳмад дар мусобиқа аз ҳама гузашт**. 8. *маҷ*. зикр шудан, қайд гаштан. 9. аз даъво ё ҳаққи худ сарфи назар кардан; аз баҳри чизе гузаштан, талаб накардан (*қарзро*). 10. *гуфт*. пардохтан, машғул шудан; **дарси нав гузаштан** мавзӯи дарси навро мавриди омӯзиш қарор додан. 11. *дар таркибҳои феълӣ омада, маънои* қаблан анҷом ёфтани *амалеро ифода мекунад:* **гуфта гузаштан, маълумот дода гузаштан; истода гузаштан** таваққуф намудан (*барои шарҳу баён*); ◊ **аз баҳри** *чизе* **гузаштан** сарфи назар кардан, даст кашидан, тарк кардан; **аз гуноҳи** *касе* **гузаштан** гуноҳи касеро бахшидан; **аз дунё гузаштан** вафот кардан, мурдан; **аз имтиҳон гузаштан** а) санҷида шудан; б) комёб шудан дар имтиҳон, баҳои мусбат гирифтан дар имтиҳон; **аз** *касе* **камбудие гузаштан** *гуфт*. аз касе сар задани камбудие, ба вуқуъ пайвастани нуқсоне аз тарафи касе; **аз пеши** *касе* **гузаштан** а) *ниг*. **пеш (аз пеши** *касе* **гузаштан)**; б) аз имтиҳони касе гузаштан; кӣ будан ва ба чӣ қодир будани худро ба касе нишон додан; **аз сари** *касе* **гузаштани** *чизе* бо касе рӯй додани ҳодисае (воқеае); **аз ҳад гузаштан** аз андоза берун шудан; ба дараҷаи ниҳоӣ расидан; **ба (дар) дил гузаштан** фикр кардан, хаёл намудан; **ба тарафи** *касе* **гузаштан** пайрави касе шудан, дар паноҳи касе шудан; аз касе тарафдорӣ кардан; **дар (ба) хотир гузаштан** ба ёд расидан, ба хотир омадан; **чашми** *касе* **нагузаштан** дида ё хонда натавонистан ба иллати заифии чашм.

**ГУЗАШТАНӢ** گذشتنی 1. *сифати феълии замони оянда аз* **гузаштан**; барои гузаштан қулай, гузаштанбоб: **ҷои гузаштанӣ**. 2. гузаштан хостан: **гузаштанӣ будан, гузаштанӣ шудан**.

**ГУЗАШТКУНАНДА** گذشت‌کننده гузаранда, бахшоянда, шахси боандеша.

**ГУЗИДА** گزیده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **гузидан**; интихобшуда. 2. мунтахаб, мумтоз; беҳ, беҳтарин.

**ГУЗИДАН** گزیدن баргузидан, интихоб намудан, ҷудо карда гирифтан, чида гирифтан; хуш кардан, писандидан; **канора гузидан** канорагирӣ кардан, дур шудан; **манзил гузидан** ҷоеро барои истиқомат интихоб кардан, сокин шудан; **машғулӣ гузидан** машғул шудан, шуғл доштан.

**гузин** گزین 1. *асоси замони ҳозира аз* **гузидан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънии* гузинанда: **хилватгузин, вожагузин**.

**ГУЗИН** گزین 1. гузида, интихобшуда; хосташуда: **гузин кардан** интихоб кардан, баргузидан. 2. *маҷ*. сазовор, муносиб, лоиқ.

**ГУЗИР** گزیر раҳоӣ, халосӣ; чора, илоҷ; **гузир надоштан** илоҷ надоштан; **гузир нест** (коре, ки) накарданаш мумкин нест, лоилоҷ бояд карда шавад, ногузир аст.

**гузор** گزار 1. *асоси замони ҳозира аз* **гузоштан** ва **гузор(и)дан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънии* а) вазъкунанда, ҷорикунанда: **қонунгузор, бидъатгузор**; б) озодкунанда, барпокунанда: **бунёдгузор, поягузор;** в) таъминкунанда: **сиёсатгузор**, **коргузор**; г) гузаранда, убуркунанда, **дарёгузор, раҳгузор**.

**ГУЗОР** گزار 1. гузаштан, гузариш; **гузори** *касе* **ба ҷое афтодан** гузаштани касе аз ҷое; иттифоқан рафтани касе ба ҷое. 2. амали гузаштан, убур, гузар. 3. гузаргоҳ, ҷои гузар. 4. *маҷ*. буриш, амали буридан.

**ГУЗОРА** I گزاره гузор, гузариш, убур; **гузора шудан** убур кардан, гузаштан, сӯрох карда гузаштан аз чизе.

**ГУЗОРА** II گزاره аз ҳад гузаранда, аз ҳад зиёд, бисёр.

**ГУЗОРАНДА** گزارنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **гузоштан**. 2. ба саҳнагузоранда, таҳиягар: **гузорандаи намоиш**. 3. сӯрохкунанда, шикофанда.

**ГУЗОРД** گزارد амали гузарондан ва убур додан.

**ГУЗОРДАН** گزاردن *ниг*. **гузоштан**.

**ГУЗОРИДАН** گزاریدن 1. адо кардан, ба ҷо овардан. 2 *маҷ*. арз кардан, гуфтан; **шукр гузоридан** шукр кардан.

**ГУЗОРИШ** گزارش 1. гузоштан, мондан,

вогузор кардан, супоридан; **гузориши масъала** масъалагузорӣ, гузоштани масъала. 2. баён, шарҳ; **гузориши аҳвол** баёни ҳол; **гузориши илмӣ** суханронии мухтасар доир ба мавзӯи баҳс дар маҳфили илмӣ. 3. *нав.* навъи хабар бо сӯҳбат ва намоиш аз ҷои воқеа дар бораи рӯйдодҳои рӯз (*дар матбуот, радио, телевизион*). 4. дархост; ҳисобот.

**ГУЗОРИШГАР** گزارشگر 1. баёнгар, шарҳу эзоҳдиҳанда, баёнкунанда. 2. шарҳи рӯйдодҳои рӯз (*дар матбуот, телевизион ва радио*). 3. *маҷ.* суратгар, наққош.

**ГУЗОРИШДИҲӢ** گزارشدهی хабардиҳӣ; суханронӣ, ҳисоботдиҳӣ.

**ГУЗОРИШНОМА** گزارشنامه баённома, иттилоотӣ хаттӣ (*дар бораи воқеае*).

**ГУЗОРӢ** گزاری *марбут ба* **гузор**; гузаранда.

**ГУЗОШТАН** گزاشتن 1. мондан, ниҳодан: **болои ҳам (ба замин) гузоштан, ба киса гузоштан**. 2. тарк кардан, раҳо кардан. 3. боқӣ гузоштан, аз худ ба ёдгор мондан, асар (нишона) мондан. 4. мавқуф кардан, мондан; ба таъхир андохтан: **ба вақти дигар гузоштан**. 5. роҳ додан, имкон додан (*ба коре, чизе*); **ба истироҳат гузоштан** ба истироҳат сар додан. 6. ба коре мондан, таъйин кардан; **имзо гузоштан** имзо кардан, даст мондан; **лона гузоштан** лона мондан, ошён сохтан; **қадам гузоштан // по гузоштан** шурӯъ ба рафтан кардан; роҳ рафтан; **ном гузоштан** номидан, ном мондан; **осуда гузоштан** ба ихтиёри худ мондан, ба ҳоли худ мондан; **саҳм гузоштан // ҳисса гузоштан** ба коре ё чизе саҳми худро ҳамроҳ кардан; **ба майли (ҳоли) худ гузоштан** ба ихтиёри худ мондан; **ба номи** *касе* **гузоштан** ба исми касе номидан, мавсум ба номи касе кардан (*чизе ё ҷоеро*); ба номи касе номгузорӣ кардан.

**ДАВОЛ** دوال 1. тасмаи чармин (*барои борбандӣ, миёнбанди узангуи асп, тасмаи рикоб*). 2. тасмаи ғафси чармин барои нақоразанӣ.

**ДАВОЛА** دواله *кит.* навъи моддаи хушбӯ.

**ДАВОЛБОЗ** دوالباز *кит.* 1. он ки даволбозӣ мекунад; тасмабоз. 2. *маҷ.* ҳилагар, маккор.

**ДАВОЛБОЗӢ** دوال‌بازی 1. навъи бозии қимор, ки бо тасмаи чармӣ ва ҳалқа анҷом мегирад. 2. *маҷ.* ҳилагарӣ, маккорӣ.

**ДАВОЛӢ** دوالی 1. тасмабоз, найрангбоз, ҳилагар. 2. *тиб.* навъи беморӣ, ки ба сабаби печу хам гардидани рагҳои хунгард, махсусан сурхраг ва сиёҳраг рӯй додааст.

**ДАВОМ** *а.* دوام 1. ҳамеша будан, мондагорӣ, пойдорӣ; бақо, сабот. 2. қисми боқимонда, бақияи чизе, ҳиссаи нотамоми чизе, идома, дунбола: **давоми сухан, давоми ҳикоя (қисса); давоми умр** бақои умр, поядагии умр; **дар давоми**... а) дар зарфи..., дар тӯли..., дар муддати...: **дар давоми ду моҳ**; б) дар рафти..., дар ҷараёни...; дар аснои...: **дар давоми сухани худ**, **дар давоми сӯҳбат**...; **давом додан** идома додан; то ба охир расидани коре аз пайи он будан; **давом доштан** ҷараён доштан, дар ҷараён будан, идома доштан, нотамом будан; **давом кардан (намудан)** а) ҷараён доштан, тӯл кашидан; б) идома додан (*мас.*, *сухани худро*); в) ҳозир шудан, муддате рафтуомадро давом додан; **давом кунон(и)дан** идома додан: **сухани (ҳикояи) худро давом кунон(и)дан; ба коре давом кардан (намудан)** а) кореро идома додан; кореро қатъ накардан; дар коре иштирок кардан, ба ҷое (коре) ҳозир шудан (*мас.*, *ба дарс, ба мактаб, ба кофтукови касе*).

**ДАВОМАТ** *а.* دوامت 1. иштирок, ҳузур: **давомати талабагон ба дарсҳо; давомат кардан** ҳозир шудан, доимо давом додани коре; **давомат кунон(и)дан** идома (давом) додан. 2. муддати кор ва фаъолият (-и даста *ё* гурӯҳе ба машғулияте).

**ДАВОМДЕҲ** دوامده *ниг.* **давомдиҳанда**; идомадиҳанда.

**ДАВОМДИҲАНДА** دوامدهنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **давом додан**.

**ДАВОМДОР** دوامدار зиёд давомкунанда, кашолёбанда, тӯлонӣ; **гурӯҳи машғулияти давомдор** гурӯҳи талабагони хурдсол, ки дар мактаб баъд аз соатҳои дарс ҳам як муддат машғулияташон давом мекунад.

**ДАВОМДОРӢ** دوامداری давомдор будан; идома доштан.

**ДАВОМИЯТ** *а.* دوامیت *ниг.* **давомат**.

**ДАВОМКУНАНДА** دوام‌کننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **давом кардан**; иштироккунанда.

**ДАВОМНОК** دوامناک 1. *ниг.* **давомдор**. 2. дунболадор; қисм-қисм чопшаванда (*дар рӯзнома ва маҷалла*): **ҳикояи давомнок**.

**ДАВОМНОКӢ** دوامناکی давомнок будан, идома доштан.

**ДАВОМОТ** *а.* دوامات *ниг.* **давомат**.

**ДАВОМПАЗИР** دوامپذیر давомёбанда, бардавом.

**ДАВОН** I دوان *феъли ҳол аз* **давидан**; тозон, тохта, давида, дар ҳолати давидан: **давон омадан, давон рафтан; давон-давон** босуръат тохта, тез давида; **давон шудан** давидан; давида рафтан; равон, ҷорӣ.

**ДАВОН** II دوان ағба, кӯтал.

**ДАВОНА** دوانه дар ҳоли давидан, давон, давида истода.

**ДАВОНАНДА** دواننده водоркунанда ба давидан, барои давидан маҷбур кардан.

**ДАВОН(И)ДАН** دواندن//دوانیدن 1. *тарзи бавоситаи* **давидан**; ба давидан водор кардан, тозондан; **асп давондан** а) асп тозондан, машғули аспдавонӣ шудан; аспро давонда рафтан; б) аспакӣ ҳуҷум кардан, савора ҳамла овардан. 2. андудан, ҳалкорӣ кардан (*бо оби тилло, нуқра ва г.*): **зарҳал (оби тилло) давондан**. 3. *гуфт.* касали дарунрав кардан. 4. *маҷ.* овораю саргардон кардан (*бо ваъда анҷом додани коре*); ◊ **ақл давондан** ақлро ба кор андохтан, фикру андеша кардан; **реша давондан** а) реша паҳн кардан; нашъунамо кардан (-и растанӣ); б) мустаҳкам ҷойгир шудан; мавқеи худро мустаҳкам кардан; **чашм давондан** назар афкандан, нигоҳ кардан; тез аз назар гузаронидан; **пӯсти нав давондан** пӯсти нав баровардан, пӯст пайдо шудан (*дар рӯи ҷароҳат*).

**ДАВОНОПАЗИР** دواناپذیر илоҷнопазир, табобатнашаванда, бедармон, муолиҷанашаванда.

**ДАВОПАЗИР** دواپذیر табобатшаванда, илоҷпазир, муолиҷашуданӣ.

**ДАВОСОЗ** دواساز *ниг.* **дорусоз**.

**ДАВОСОЗӢ** دواسازی *ниг.* **дорусозӣ**.

**ДАВОТ** *а.* دوات 1. зарфи хурди дорои ранг, ки қаламро барои навиштан бар он фурӯ мебаранд; рангдон, сиёҳидон. 2. ҷаъба ё қуттие, ки дар он қалам ва дигар абзори навиштро мегузоранд; қаламдон.

**ДАВОТГАР** دواتگر *ниг.* **давотсоз**.

**ДАВОТГАРӢ** دواتگری *ниг.* **давотсозӣ**.

**ДАВОТДОР** دواتدار *таър.* сиёҳидонбардор, қаламдонбардор, шахси маъмури дарбори шоҳону ҳокимон, ки вазифааш давот бардошта гаштан буд.

**ДАВОТӢ** دواتی *марбут ба* **давот**; давотдор.

**ДАВОТСОЗ** دواتساز *кит.* созандаи давот, он ки давот месозад.

**ДАВОТСОЗӢ** دواتسازی давотгарӣ, амал ва кори давотсоз.

**ДАВОТХОНА** دواتخانه *таър.* идораи муншиён, мирзохона.

**ДАВОУЛМИСК** *а.* دواالمسک *кит., тиб.* доруе, ки барои бақувват кардани дил аз чанд даво месохтанд ва қисмати бештари онро мушк ташкил мекард.

**ДАВОҶ** دواج 1. болопӯш, рӯйҷо, ҷойпӯш. 2. кӯрпа, бистар, ҷойхоб. 3. қабо, ҷомаи васеъ, ки тамоми баданро пӯшонад.

**ДАВОШАВАНДА** دواشونده табобатшаванда, муолиҷашаванда.

**ДАВР** *а.* دور 1. гардиш, чархиш, ҳаракат дар гирди чизе; **даври фалак** гардиши фалак, чархи фалак; замона, рӯзгор. 2. навбат (*дар бозӣ, овоздиҳӣ дар интихобот ва г.*); **даври ҷом** гардиши бонавбати ҷоми май дар давраи аҳли сӯҳбат. 3. айём, ҳангом; вақт, замон: **даври пеш (қадим), дар ҳар давру замон; даври ҷавонӣ** айёми ҷавонӣ, вақти ҷавонӣ; **даври коре расидан** фаро расидани вақти коре. 4. *маҷ.* вақти ҳукмронӣ, аҳди салтанат; **даври** *касе* **омадан** навбати ҳукмронии касе расидан; ҳукми касе раво гардидан. 5. гирд, гирдогирд, атроф, давра, доира: **даври сар, даври хирман, ба даври мизи** *касе* **ҷамъ омадан, даври** *чизеро* **печонида гирифтан**; **давру пеш** гирду атроф, гӯшаву канор; қарибиҳо, наздикиҳо; **давр задан** а) гирд гаштан, чарх задан дар атрофи чизе (*мас., киштии кайҳонӣ дар атрофи Замин*); б) аз гирди чизе гузаштан; атрофи ҷоеро тай карда рафтан (*роҳи ростро монда*); в) *маҷ.* сайру гашт кардан, гардиш кардан (*барои тамошо ва ҳавохӯрӣ*); **давр зада баромадан** а) гирд гаштан, гашта баромадан ҷоеро (*мас., барои аз назар гузаронидан*); б) паймудан атрофи ҷоеро; **давр рондан** а) ҳукм рондан, ҳукмронӣ кардан; б) *маҷ.* бо айшу ишрат рӯз гузаронидан, хушвақтӣ кардан, бо карру фар рӯз гузаронидан; ◊ **даври гул** фасли шукуфтани гулҳо, мавсими гул; **давр–даври** *касе* **(будан)** а) ҳукмрони замон будани касе; б) ҳукми касе раво будан, гапи касе гап будан; **давру даврон** а) замона, рӯзгор; б) айшу ишрат, хушию хуррамӣ, рӯзи хуш.

**ДАВРА** *а.* دوره 1. чизи мудаввар, гирд, доирашакл: **мизи давра**, **оинаи давра**, **ҳавзи давра**; **чароғи давра** *ниг.* **даврапилта**. 2. давр, гардиш, навбат. 3. гурӯҳи ҳалқа зада ба як ҷо гирдомадаи одамон, маърака, ҷамъомад (*мас., давраи ҷавонон*). 4. вақту замони муайяни инкишофи чизе ё фаъолияти касе; давр, замон, вақт, айём; овон: **давраи бачагӣ (кӯдакӣ), давраи имтиҳонот, давраи нави муносибатҳои байналхалқӣ, давраиислоҳоти замин; давраи ҳисоботӣ** муддати фаъолияти ягон ҳайати интихобӣ, ки дар бораи он ҳисобот дода мешавад. 5. як қисми муддате, ки барои бозие ҷудо карда шудааст, давр; **аҳли давра** дар давра ҳозирбудагон, ҷамъомадагон, аҳли маҳфил; **дар давраи дӯстон** дар иҳотаи дӯстон, дар байни дӯстон; **давра гирифтан (давра гирифта нишастан)** гирд омадан, ҳалқа зада нишастан, ҳалқавор атрофи чизеро печонидан; **давра кардан** *д.* маросиме, ки барои муайян кардани синну соли шахси фавтида ва шустани гуноҳи ӯ гузаронида мешавад; **давра шудан** *ниг.* **давра гирифтан**.

**ДАВРАГАРД** دوره‌گرد 1. ба таври доиравӣ чархзананда, чархзананда дар атрофи чизе. 2. *маҷ.* он ки ҷои муайян ва собити ҷои кору сукунат надорад; ҳарҷогард.

**ДАВРАГАРДӢ** دوره‌گردی *маҷ.* бекору беҳуда гаштан; беҳудагардӣ.

**ДАВРАГӢ** دورگی *ниг.* **даврӣ** 4.

**ДАВРАИҶАНГӢ** دورۀجنگی *мансуб ба* замони

чанг; **ашъори давраичангӣ** шеърҳои дар замони чанг эҷодшуда.

**ДАВРАПИЛТА** دوره‌پلته **:чароғи даврапилта** чароғи карасинии пилтааш доирашакл.

**ДАВРГАРД** دورگرد гирдгарданда дар атрофи чизе, тавофкунанда.

**ДАВРГИР** دورگير *кит.* 1. боданӯш, касе, ки дар даври шароб ҷоми навбатӣ ба ӯ мерасад. 2. *маҷ.* подшоҳ, ҳукмрон.

**ДАВРЗАНАНДА** دورزننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **давр задан**. 2. гарданда, чархзананда (*дар гирди меҳвари худ*): **кӯраи даврзанандаи заводи семент**.

**ДАВРЗАНӢ** دورزنی *исми амал аз* **давр задан**; чархзанӣ, чархиш; дар атрофи чизе ё касе чарх задан.

**ДАВРИЯТ** *а.* دوريت давра ба давра.

**ДАВРӢ** دوری 1. доирашакл, мудаввар, давра. 2. табақи калони ошхӯрӣ. 3. навъи ҷул, сағрипӯши маркаб. 4. мансуб ба давру замони муайян; ҳар ҳодисаи дар вақту замони муайян такроршаванда. 5. пардаи гулдӯзии арӯсӣ, ки гулҳояш одатан гирд-гирд дӯхта мешавад; **матбуоти даврӣ // адабиёти даврӣ** нашрияҳое, ки дар муддатҳои муайян ба таври мусалсал бароварда мешаванд (*аз қабили* рӯзнома, ҳафтанома, маҷалла *ва г.*).

**ДАВРОДАВР** دورادور гирдогирд, атроф: **сайёҳати давродаври кураи Замин**.

**ДАВРОН** دوران 1. давр, рӯзгор, даҳр, замо–на; вақт, ҳангом, айём: **даврони бачагӣ (ҷавонӣ, пирӣ)**. 2. замони ҳукмронӣ, аҳди ҳукмронӣ; **нодираи даврон** беназир дар замони худ, мумтоз, беҳамто; **ягонаи даврон** беназир, беҳамто, бемислу монанд; **давру даврон** *ниг.* **давр (давру даврон)**.

**ДАВРОНДИДА** دوران‌ديده *маҷ.* дунёдида, ҷаҳондида, ҷаҳонгашта.

**ДАВРСАНҶ** دورسنج *тех.* абзоре барои санҷиши шумораи чархиши даврзании дастгоҳи гарданда.

**ДАВРУБАР** دوروبر *гуфт.* атрофу акноф, гирду гӯша.

**ДАВУҒЕҶ** دووغيج чунбуҷӯл (*барои саришта кардани коре*), ташвиш, тараддуд.

**ДАВУТОЗ** دووتاز 1. даводавӣ кардан (*дар талоши чизе*), ташвиш кашидан, тараддуд кардан, заҳмат кашидан, даступо кардан. 2. шафоат (мадад) кардан.

**ДАВҲА** *а.* دوحه 1. дарахти бузург. 2. *киноя аз* фарзанд, зода.

**ДАВЧА** دوچه *гуфт.* зардолуи хом, ғӯраи зардолу; ◊ **давча нашуда ғӯлинг шудан** давраи ҷавониро аз сар нагузаронда пир шудан.

**ДАҒ** دغ *кит.* замини беҳосил, хоки беалаф.

**ДАҒАЛ** *а.* دغل 1. ҳар чизи дурушт, ки ба даст ё ягон узви бадан сахт мерасад, шахшӯл; ноҳамвор; носуфта: **матои дағал**; **муомилаи дағал** рафтор ва муносибати густохона бо дигарон; **сухани дағал** сухани дурушт. 2. он ки бо касе дурушт, беодобона муомила мекунад, бадмуомила, дуруштхӯ, сахтгап; густох. 3. *кит.* маккор, ҳилагар. 4. *кит.* носара, сақат, қалб (*оид ба симу зар*).

**ДАҒАЛБОЗ** دغلباز *кит.* ҳилагар, найрангбоз, ҳаромбоз.

**ДАҒАЛБОЗӢ** دغلبازی *кит.* ҳилагарӣ, найрангбозӣ, ҳаромбозӣ.

**ДАҒАЛБОФТ** دغل‌بافت бофташ дурушт, аз ҷиҳати бофт бадсифат (*оид ба матоъ*).

**ДАҒАЛӢ** دغلی 1. бадмуомилагӣ, дуруштӣ, бемаданиятӣ дар муомила; сахтгапӣ, густохсуханӣ: **дағалӣ кардан**. 2. шахшӯлӣ, ноҳамворӣ; **бо дағалӣ** дағалона.

**ДАҒАЛКОРӢ** دغلکاری *ниг.* **дағалбозӣ**.

**ДАҒАЛМИЗОҶ** دغلمزاج *ниг.* **дағалтабиат**.

**ДАҒАЛМУОМИЛА** دغلمعامله *ниг.* **дағал**

**ДАҒАЛМУОМИЛАГӢ** دغلمعاملگی *ниг.* **дағалӣ** 1.

**ДАҒАЛМӮЙ** دغلموی он ки мӯи ғафси дурушт дорад, он чи мӯяш дурушт аст.

**ДАҒАЛОНА** دغلانه ба таври дағал, бо дағалӣ, бо дуруштӣ: **дағалона гап задан, дағалона ҷавоб додан**.

**ДАҒАЛПАШМ** دغلپشم он чи пашми дурушту сахт дорад; *муқоб.* **маҳинпашм**.

**ДАҒАЛТАБИАТ** دغلطبيعت одами табиаташ дурушт, феълу хӯяш бад, тундмизоҷ.

**ДАҒАР-БУҒУР** دغربغر *гуфт.* ноҳамвор, носуф-

та; шахшӯл: **санги дағар-буғур, роҳи дағар-буғур**.

**ДАҒ-ДАҒ** دغ‌دغ *калимаи тақлиди овоз*, ки ҳолати ларзиши сахти аъзои баданро аз тарс ё сармои шадид ифода мекунад: **дағ-дағ ларзидан**.

**ДАҒДАҒА** *а.* دغدغه 1. тарс, бим; воҳима; **дағдаға кардан** таҳдид кардан; дӯғу пӯписа кардан. 2. *кит.* майлу хоҳиш, орзу, ҳавас; даъвои коре. 3. лофи зӯрӣ; калонгарӣ, ҳавобаландӣ; **тарки дағдағаи зиндагонӣ кардан** *маҷ.* вафот кардан, мурдан.

**ДАҒДАҒАДОР** دغدغه‌دار 1. *гуфт.* воҳиманок; бадвоҳима. 2. лофзан; ҳавобаланд, худписанд, худсито.

**ДАҒДАҒАК** دغدغک *бот.* гиёҳе аз ҷинси нахӯд, ки гулҳои зард дорад, дағдағон.

**ДАҒДАҒОН** دغدغان *ниг.* **дағдағак**.

**ДАҒЕҶ** دغیج *лаҳҷ.* занони бародарон нисбат ба якдигар, авсун.

**ДАҒО** دغا 1. макру фиреб, ҳила. 2. *маҷ.* одами каҷбоз, қаллоб, фиребгар; **дӯғу даға** таҳдид, дӯғу пӯписа.

**ДАҒОБОЗ** دغاباز фиребгар, ҳилагар, қаллоб.

**ДАҒОБОЗӢ** دغابازی амали дағобоз; фиребгарӣ, ҳилагарӣ.

**ДАҒОПЕША** دغاپیشه *кит., ниг.* **дағобоз**.

**ДАД** دد *кит.* ҳайвони ваҳшӣ аз даранда ва ғайридаранда (*аз қабили* шер, паланг, гург *ва г.*); *муқоб.* **дом**: **дому дад**.

**ДАДА** I دده *ниг.* **дадо**.

**ДАДА** II دده *ниг.* **дад**.

**ДАДӢ** ددی дарандагӣ, дад будан.

**ДАДМАНИШ** ددمنش дарандахӯй, дорои хислати даранда.

**ДАДМАНИШОНА** ددمنشانه аз рӯи дарандахӯӣ ва ваҳшоният, ваҳшиёна.

**ДАДО** ددا *гуфт.* падар, додо, дада: **гадо бошад, дадо бошад** (*мақ.*).

**ДАЖҒИМ** دژغیم *ниг.* **дижхим**.

**ДАЖҒОЛ** دژغال 1. омехтаи сангмайдаю хиштпораҳои партови сохтмон, ки ҳангоми сементкорӣ истифода мебаранд. 2. боқимондаҳои ангиштсанг баъд аз сӯхтани он.

**ДАЖҒОЛБЕТОН** دژغال‌بیتان бетони сангрезадор.

**ДАЙ** دی *нуҷ.* 1. моҳи даҳуми соли шамсӣ пас аз озар ва пеш аз баҳман (мутобиқ ба моҳи ҷадии тақвими бурҷӣ) аст, ки ба 22 декабр - 21 январ рост меояд ва мавсими шиддати сармои зимистон ҳисоб мешавад. 2. рӯзи ҳаштум, понздаҳум ва бисту сеюми ҳар моҳи шамсӣ дар солшумории форсиёни қадим. 3. зимистон.

**ДАЙДУ** دیدو сакалту, ҳарзагард; оворагард: **ҷавони дайду, боди дайду**.

**ДАЙДУГӢ** دیدوگی ҳарзагардӣ, ҳарҷогардӣ, оворагӣ.

**ДАЙДУЗАН** دیدوزن зани дайду, зани ҳарзагард; зани дӯстдорандаи дарбадаргардӣ.

**ДАЙЁН** *а.* دیّان *д.* мукофотдиҳанда; ҷазодиҳанда; қаҳркунанда; ҳисобгир (*сифати Худо*).

**ДАЙЁР** I *а.* دیّار *кит.* 1. аҳли диёр; бошанда, сокин, истиқоматкунанда. 2. ҳар мавҷуди зинда, бавежа инсон, кас, шахс; касе.

**ДАЙЁР** II *а.* دیّار *кит.* дайрнишин, сокини дайр, роҳиб.

**ДАЙМАҲ//ДАЙМОҲ** دیمه//دیماه моҳи дай; зимистон, сармо.

**ДАЙМОҲӢ** دیماهی *мансуб ба* **даймоҳ**; зимистонӣ; хунук, сард.

**ДАЙН** *а.* دین 1. қарзе, ки мӯҳлати адои он муайян аст, қарзи мӯҳлатнок; қарз, вом. 2. *маҷ.* ҳар вазифае, ки адои он ҳатмист; **дайн шудан** собит шудан, исбот шудан (-и ягон кори нораво.).

**ДАЙР** *а.* دیر *таър.* ҷои иқомат ва ибодати роҳибон, ибодатгоҳи оташпарастон ва насрониён, савмаа; б*а истиллоҳ* олами инсонист; **дайри муғон** а) ибодатхонаи оташпарастон; оташкада; б) маҷлиси урафо ва авлиё (*дар тасаввуф*); в) *маҷ.* ҷои майнӯшӣ.

**ДАЙРНИШИН** دیرنشین муқими дайр, дайёр; роҳиб, зоҳид.

**ДАЙҲИМ** دیهیم *кит.* тоҷ, афсар; кулоҳи мурассаъ.

**ДАЙҲИМДОР** دیهیم‌دار *кит.* 1. тоҷдор. 2. *маҷ.* подшоҳ.

**ДАЙҶУР** *а.* دیجور *кит.* торикӣ, сиёҳӣ, зулмат; **шаби дайҷур** шаби ниҳоят торик.

**ДАЙЮС** دیوس *ниг.* **даюс**.

**ДАКАДАНГ** دکدنگ *гуфт.* 1. *калимаи тақлиди* овози мунтазам ба ҷое задан ё расидани чизҳо; дак-дак. 2. *маҷ.* боҳашамат, бошукӯҳ, дабдабанок: **иморати дакаданг**, **гунбази дакаданг**.

**ДАКАНГ** دکنگ 1. як навъ турна, ки овози баланди бадвоҳима дорад. 2. ҷангӣ; ҷангара: **мурғи даканг**, **хурӯси даканг**.

**ДАКАР-ДУКУР** دکر دکر *ниг.* **дукурдукур**.

**ДАК-ДАК** دکدک *калимаи тақлиди* овози чарху ғалтаки қатораву ароба ҳангоми гардиш дар ҷоҳои ноҳамвор.

**ДАККА** دکه зарба, садама, лат; **дакка хӯрдан** а) ба ҳам задани ду чиз, бархӯрдан ба чизе дар вақти ҳаракат; расидан ба ҷое; б) дармондан (дар вақти хондан), забон гирифтан; в) *маҷ.* пешпо хӯрдан; ба ҳолати ногуворе афтодан; ◊ **ба осмон (фалак) дакка задан** ба авҷи аъло расидан, ниҳоят баланд шудан (*-и овоз, дуд, чангу губор ва г.).*

**ДАҚ** دق садои бархӯрдани ду ҷисм, тақ; **дақ-дақ** садои такрории задани чизе.

**ДАҚ(Қ) I** *а.* دق 1. кӯфтан, кӯбидан: **кӯфтани оҳангар**. 2. *маҷ.* садақаталабӣ, гадоӣ. 3. сарзаниш, маломат. 4. навъи матои нафиси румӣ ва мисрӣ, ки дар гузашта бисёр машҳур будааст.

**ДАҚ(Қ) II** دق *гуфт.* сӯзон, тафсон, ниҳоят гарм: **офтоби дақ; даќи офтоб** айни шиддати гармои офтоб.

**ДАҚЁНУС** *ю.* دقیانوس 1. кӯтоҳшудаи номи ҳокими Рум Дақилатиёнус – Диэклетиан (284-305), ки ба қатлу озори масеҳиён шӯҳрат ёфта буд. 2. *маҷ.* золим, ситамкор. 3. *маҷ.* кӯҳна, кӯҳнаколои аз қадим монда.

**ДАҚЁНУСӢ** دقیانوسی 1. ситамкорӣ, золимӣ. 2. кӯҳна, кӯҳнаколои аз давраҳои пешин монда.

**ДАҚИҚ** *а.* دقیق 1. нозук, борик: **маъниҳои фалсафии дақиқ, фикрҳои дақиқ, мулоҳизаҳои дақиқ**. 2. аниқ, саҳеҳ, дуруст, бехато: **тарозуи дақиқ**. 3. борикбин, нуктасанҷ; дақиқгар, бодиққат: **хонандаи дақиқ, нигоҳи дақиқ, назари дақиқ, чашми дақиқ; илмҳои дақиқ** илмҳое, ки асоси риёзӣ доранд.

**ДАҚИҚА I** *а.* دقیقه 1. воҳиди вақт, ки шастяки соатро ташкил медиҳад ва баробари шаст сония аст. 2. *нуҷ.* воҳиди паймоиши кунҷи ҳамвор, ки ба шастяки дараҷа, яъне аз шаст як ҳиссаи дараҷа баробар мебошад; **дақиқа ба дақиқа** бо мурури ҳар дақиқа; торафт.

**ДАҚИҚА II** *а.* دقیقه *кит.* нуктаи борик, сухани пӯшидамаънои нозук.

**ДАҚИҚАГАРД** دقیقه‌گرد ақрабаки соат, ки дақиқаро нишон медиҳад.

**ДАҚИҚАГӢ** دقیقگی яклаҳзагӣ, баробари як дақиқа.

**ДАҚИҚАДОН** دقیقه‌دان *кит.* борикбин, нозукфаҳм, донишманд.

**ДАҚИҚАЁБ** دقیقه‌یاب *кит.* нуктасанҷ, борикбин.

**ДАҚИҚАЁБӢ** دقیقه‌یابی *кит.* борикбинӣ, нуктасанҷӣ.

**ДАҚИҚАН** *а.* دقیقاً ба таври дақиқ, борикбинона.

**ДАҚИҚАСАНҶ** دقیقه‌سنج *кит.* борикбин, зирак, доно, нуктасанҷ.

**ДАҚИҚАХӮ(Й)** دقیقه‌خو(ی) *кит.* нозуктабъ.

**ДАҚИҚАШИНОС** دقیقه‌شناس *кит.* он ки маврид ва тариқи иҷрои корро хуб медонад; нуктасанҷ, нозукфаҳм.

**ДАҚИҚАШУМОР** دقیقه‌شمار 1. ақрабаки соат, ки дақиқаро нишон медиҳад. 2. *маҷ.* интизори сахт будан.

**ДАҚИҚАШУМОРӢ** دقیقه‌شماری *кит.* муштоқона интизорӣ кашидан, интизории муштоқона.

**ДАҚИҚБИН** دقیق‌بین борикбин, зирак, доно.

**ДАҚИҚӢ** دقیقی 1. дақиқ будан, аниқӣ, саҳеҳӣ. 2. дақиқкорӣ, диққаткорӣ, бодиққатӣ.

**ДАҚИҚКОР** دقیق‌کار он ки дар иҷрои кор ба ҷузъиёт диққат медиҳад.

**ДАҚИҚКОРӢ** دقیق‌کاری дақиқкор будан; диққат ба ҷузъиёти корҳо.

**ДАҚИҚКОРОНА** دقیق‌کارانه бо диққат, бо дақиқназарӣ, борикбинона, мӯшикофона.

**ДАҚИҚНАЗАР** دقیق‌نظر бодиққат, борикбин.

**ДАҚИҚНАЗАРОНА** دقیقنظرانه аз рӯи дақиқназарӣ.

**ДАҚИҚОНА** دقیقانه аз рӯи бодиққатӣ, дақиқбинона, дақиқназарона.

**ДАҚҚОҚ** *а.* دقاق *кит.* рахтшӯй, ҷомашӯй.

**ДАҚҚОҚӢ** دقاقی амал ва шуғли даққоқ, ҷомашӯӣ, рахтшӯӣ.

**ДАҚОИҚ** *а.* دقائق *ҷ.* **дақиқа**; **дақоиқ рондан** нозукбаёнӣ кардан.

**ДАЛА** I دله *кит.* ҳайвони ваҳшии гурбашаклест, ки аз пӯсти он пӯстин медӯзанд, қоқум.

**ДАЛА** II دله *ниг.* **далла**.

**ДАЛВ** *а.* دلو 1. зарфи чармӣ ё филизӣ, ки бо он аз чоҳ об ё хок мекашанд, дӯл; сатил; *муқ.* **дӯлча**. 2. *нуҷ.* номи бурҷи ёздаҳум аз дувоздаҳ бурҷи фалак. 3. моҳи ёздаҳум дар солшумории ҳиҷрии шамсӣ, ки вақти аз ин бурҷ гузаштани Офтоберо ташкил медиҳад ва он ба 21 январ - 20 феврал рост меояд (*дар форсӣ ин моҳро* баҳман *мегӯянд*).

**ДАЛЕЛ** I *а.* دلیل 1. ҳуҷҷат барои исботи чизе, бурҳон; асос: **далели мантиқӣ, далели равшан**. 2. чизе, ки ба чизе далолат мекунад, нишона, аломат; **далели фаннӣ** бурҳоне, ки аз рӯи илму фан асоснок карда шудааст; **далели шайъӣ** ашёи ба ҷиноят алоқадор, ки барои исботи ҷиноят кумак мерасонад.

**ДАЛЕЛ** II *а.* دلیل *кит.* раҳнамо, роҳнишондиҳанда, роҳбалад, роҳнамо.

**ДАЛЕЛӢ** دلیلی 1. *марбут ба* **далел**; ҳуҷҷат будан, далел будан. 2. *маҷ.* раҳнамоӣ.

**ДАЛЕЛНОК** دلیلناک он чи далел дорад, бодалел, асоснок.

**ДАЛЕР** دلیر диловар, шуҷоъ, ҷасур, шердил, нотарс; боҷуръат; **далер кардан** *касеро* шердил кардан касеро, қуввати дил додан ба касе; **далер шудан** бебок шудан, ҷуръат пайдо кардан; **худро далер гирифтан** тарсро ба худ роҳ надодан; худро ба даст гирифтан.

**ДАЛЕРВОР** دلیروار *маҷ.* густохона, бетарсу ваҳм.

**ДАЛЕРӢ** دلیری диловарӣ, шуҷоат, ҷасорат; мардонагӣ, нотарсӣ, ҷуръат: **далерию мардонагӣ нишон додан; далерӣ кардан (намудан)** а) шуҷоату мардонагӣ нишон додан; б) ҷуръат кардан ба коре.

**ДАЛЕРОНА** دلیرانه 1. шуҷоатмандона, ҷасурона, нотарсона: **далерона қадам гузоштан (задан), далерона ҷавоб додан, далерона ҷангидан**. 2. хоси далерон, мардона: **дасти далерона, рафтори далерона**.

**ДАЛҚ** *а.* دلق 1. *кит.* хирқа, либоси пашмини дарвешон, либоси қаландарӣ. 2. *кит.* либоси кӯҳна ва жанда.

**ДАЛҚПӮШ** دلقپوش *кит.* 1. хирқапӯш, он ки ба тан далқ пӯшидааст. 2. *маҷ.* суфӣ.

**ДАЛЛА** دله зани даллол; зани маккору ҳилагаре, ки занони дигарро ба роҳи бад далолат мекунад; миёнарави робитаи мардону занон.

**ДАЛЛАГӢ** دلگی шуғл ва амали далла; **даллагӣ кардан** занонро ба роҳи бад далолат кардан, дар байни занону мардон миёнаравӣ кардан.

**ДАЛЛОК** *а.* دلاک *кит.* 1. ходим дар ҳаммом, кисакаш. 2. устои сартарош.

**ДАЛЛОКӢ** دلاکی амал ва шуғли даллок.

**ДАЛЛОЛ** *а.* دلال 1. восита дар байни фурӯшанда ва харидор (*асосан дар бозори мол*). 2. *кит.* роҳнамо.

**ДАЛЛОЛА** *а.* دلّاله 1. зани миёнарав, хостгор. 2. зани маккоре, ки занони дигарро ба роҳи бад меандозад, далла.

**ДАЛЛОЛАГӢ** دلّالهگی шуғлу амали даллола.

**ДАЛЛОЛӢ** دلّالی *мансуб ба* **даллол**; шуғлу амали даллол, миёнаравӣ дар байни фурӯшанда ва харидор.

**ДАЛЛОЛОНА** دلّالانه ҳаққи хизмати даллол, ки ҳам харидор ва ҳам фурӯшанда медиҳанд, ширинкомаи даллолӣ.

**ДАЛОИЛ** *а.* دلائل *ҷ.* **далел** I.

**ДАЛОЛ** *а.* دلال 1. нозу карашма. 2. *дар тасаввуф* ҳолати беқарорӣ, ки аз шавқи бисёр солик ҳарчи дар дил дорад, ифшо мекунад.

**ДАЛОЛАТ** *а.* دلالت 1. роҳ нишон додан, роҳнамоӣ. 2. нишона, аломат; шаҳодат, гувоҳӣ; **далолат кардан (намудан)** а) роҳнамоӣ кардан, роҳ нишон додан; ташвиқ кардан (ба коре); б) шаҳодат (гувоҳӣ) додан (аз чизе), далел шудан (ба чизе).

**ДАЛФИН** *ю.* دلفين *ниг.* **делфин**.

**дам** دم *асоси замони ҳозира аз* **дамидан**.

**ДАМ I** دم 1. нафас; **дами** *касе* **гаштан (гардидан)** нафаси касе ба дарун афтидан; нафас гирифта натавонистан. 2. ҳаво, бод; пуф; **дами** *чизеро* **холӣ кардан** боди чизеро баровардан, ҳавои чизеро сар додан; **дами шикам** боди шикам, варами шикам. 3. фурсати як нафаскашӣ; фурсати андак, лаҳза, он; **дами вопасин (марг)** нафаси охирин, лаҳзаи пеш аз марг; **як дам** андак вақт, лаҳзае. 4. ҷуръа, қулт. 5. тафс, гармӣ. 6. вақт, замон, ҳангом, гоҳ: **аз ҳамон дам** аз ҳамон вақт, аз ҳамон замон, он ҳангом, он гоҳ: **дар ин дам то ин дам; дами пирӣ** айёми пирӣ, даври пирӣ. 7. садо, овоз. 8. дамгаҳ, назд, наздик, канор ё паҳлӯи чизе: **дар дами дар (дарвоза), то дами дар гуселонидан; дар дами…** дар қисми пеши…; дар пеши…; **дами обро гирифтан** пеши обро банд кардан. 9. *маҷ.* афсун, сеҳр; куфу суф; эму алас: **даму афсун, даму нафас, эму дам (кардан); дам андохтан** *д.* афсун хондан, куфу суф кардан. 10. *маҷ.* хомӯш, сокит; ором; хап, ҷим; **дам истодан** хомӯш истодан; ороми беҳаракат истодан, наҷунбида истодан; **дам нишастан** *ниг.* **дам истодан; дам шудан** ором (хомӯш, ҷим) шудан; **даме ки…** ҳангоме ки…, вақте ки…; **дар як дам** дар як он, дар як лаҳза; фавран, дарҳол, ҳамин замон; **бо як дам кашидан** ба як ҳӯрт кашидан, якбора нӯшидан (*мас*., як пиёла чойро); **дам дамидан** а) бод додан (*-и ангишт*) барои шукуфондан (*дар кӯраи оҳангарӣ*); пуф кардан (*барои даргирондан ё хомӯш кардани оташу чароғ*); б) ҳаво пур кардан, даруни чизеро аз бод пур кардан; **дам кардан** а) ҳаво пур кардан, даруни чизеро аз бод пур кардан (пуф кардан); б) варам кардан, бод овардан (-и шикам); в) банд кардан, гирифтан пеши роҳи обро; г) болои оши палавро пас аз обкаш кардани биринҷ бо зарфе пӯшида муддате рӯи ҳарорати паст нигоҳ доштан (*барои дар буғи худ пухтани он*); ◊ **дами гарм** хӯроки гарми обакӣ; **дами дарун** а) хомӯш, сокит; хап, ҷим; б) *гуфт.* дамдузд, хаппак; камгап; **дами сард** *киноя аз* оҳи пурдарди навмедона; **дами субҳ** аввали субҳ, саҳаргоҳ, субҳидам; **дам ба дам** а) ҳар замон; дамодам, пайиҳам, беист; зудзуд, тез-тез; б) торафт, дақиқа ба дақиқа, соат ба соат; **дам гирифтан** истироҳат кардан дар байни кор, мондагии худро баровардан; танаффус кардан; **дам даркашидан** *ниг.* **дам кашидан**; **дам додан** а) нафасро гардондан, нафасгириро мушкил кардан, хафакунанда шудан (-и ҳаво); б) истироҳат кунондан, танаффус додан, ором гузоштан (*мас*., *ҳайвонро аз кор, заминро аз кишти паёпай*); в) фиреб додан, фирефтан; **дам задан // дам аз** *чизе* **задан** сухан рондан, гап задан (*аз хусуси чизе*); **дам кашидан** фурӯ бурдан, фурӯ додан; ҳарисона нӯшидан; **дам овардани гӯшт** андак бӯи бад пайдо кардани гӯшт (*дар натиҷаи вайрон шудан*); **дам(ро) рост кардан** нафасгириро мӯътадил кардан, мӯътадил нафас гирифтан; андак дам гирифтан; **дам хӯрдан** а) пухта тайёр шудани ош (*баъди дам кардан*); б) мувофиқи табъ шудани чой баъди ба чойник рехта муддате дар назди ё рӯи оташ болояшро пӯшида нигоҳ доштани он; **дам шудани об** (ҷамъ шуда) бардошта шудани сатҳи об; **дам ҳот кардан** *лаҳҷ., ниг.* **дам рост кардан; дами беғам задан** лаҳзае аз ғаму ташвиши зиндагӣ осуда будан; хушвақтӣ кардан, вақтчоқӣ намудан; **дами** *касеро* **паст кардан** *маҷ.* шасти касеро гардондан; **дами** *касе* **ба дарун афтодан (задан)** ба эроди касе чизе гуфта натавонистан; хомӯш шуда мондан; **дами шамол гаштан** шиддати вазиши бод паст шудан; **чой дам кардан** оби ҷӯшро болои чойи хушк ба зарфе рехта чой тайёр кардан; **ҳаво дам шудан** хафакунанда шудани ҳаво (*ба сабаби гармии зиёд, навазидани бод ва пайдо шудани губор*); **дам ғанимат донистан** ба қадри вақт расидан, вақтро ғанимат шумурдан.

**ДАМ II** دم анбони чармине, ки оҳангарон ба воситаи он барои шукуфонидани ангишт ба кӯра бод мефиристанд: **дами оҳангарӣ**.

**ДАМ III** دم қисми тези ҳар асбоби буранда: **дами корд (каланд, теғ, шамшер)**; **корди дамаш баргашта** корди кунд; ◊ **аз дами теғ (ё шамшер) гузарондан** куштан, нобуд кардан бо теғ ё шамшер; **дами табарро пахта гирифтан** дар баробари хашму ғазаб мулоим будан, бо гардани хам зӯриро таҳаммул кардан.

**ДАМ IV** *а.* دم *кит., ниг.* **хун**.

**ДАМА I** دمه лабаи корд, теғ ё шамшер.

**ДАМА II** دمه *ниг.* **дам II**.

**ДАМА** III دمه шамоли сахт ва хунуки барфомехта, бӯрон.

**ДАМАВИМИЗОҶ** دمویمزاج он ки мизоҷаш гарм аст, гармизоҷ.

**ДАМАВӢ** *а.* دموی *мансуб ба* **дам** IV; хунӣ; мизоҷи гарм, ки дар он хун дар мизоҷ бартарӣ дорад.

**ДАМАН** دمن доманаи кӯҳ, кӯҳдоман: **дашту даман, кӯҳу даман**.

**ДАМАНДА** دمنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **дамидан**. 2. *ниг.* **дамон** 2, 3.

**ДАМБАЛ** دمبل *лаҳҷ.* фарбеҳ; лаванд; **аз дамбали кундрав лоғари даванд беҳтар аст** (*зарб.*).

**ДАМБАЛӢ** دمبلی *лаҳҷ.* фарбеҳӣ; лавандӣ.

**ДАМБАР-ДАМБУР** دمبردمبر *калимаи тақлидӣ* овози беист ва бетартибона задани нақораю доира ё кӯфтани дару дарвоза *ва г.*

**ДАМБАСТА** دمبسته 1. хомӯш, сокит. 2. *маҷ.* ҳайрон, саргардон; дармонда.

**ДАМБУҚ** دمبوق *лаҳҷ.* фарбеҳи безеб.

**ДАМГАР** دمگر коргаре, ки дамро пахш карда, кӯраи оҳангариро дармегиронад.

**ДАМГАҲ** دمگه 1. назд, наздик, пеш; канор ва паҳлӯи чизе: **дар дамгаҳи дар (дарвоза), дар дамгаҳи заминкан**; **дамгаҳи кӯча** ҷои саршавии кӯча, сари кӯча. 2. чуқурчае, ки дар сари дилу поёни қабурғаҳо воқеъ аст.

**ДАМГИР** دمگیر 1. гирандаи роҳи нафас, душворкунандаи нафаскашӣ; **ҳавои дамгир** ҳавои гарми нафасгиранда. 2. дастмоле, ки бо он болои ошро вақти дам кардан мепӯшонанд: **дамгири дег**.

**ДАМГИРИФТА** دمگرفته *гуфт.* истироҳаткарда; **шахси дамгирифта** шахси аз дамгирӣ омада, истироҳаткарда.

**ДАМГИРӢ** دمگیری танаффус дар кору машғулият; истироҳат: **вақти дамгирӣ; рӯзи дамгирӣ** рӯзи фориғ аз кору машғулият, рӯзи таътил, рӯзи истироҳат.

**ДАМГОҲ** دمگاه *кит.* 1. ҷои дамидани ҳаво ё ҷои нафаскашӣ. 2. оташгоҳ, кӯра.

**ДАМДАМА** I دمدمه 1. макру фиреб, ҳила. 2. овози ғулғулаи дуҳул ва нақора. 3. овоза, гапу калоча.

**ДАМДАМА** II دمدمه *кит.* 1. хашм, ғазаб, қаҳр. 2. изтироб, воҳима.

**ДАМДАМАКӢ** دمدمکی *гуфт.* 1. дам гирифта-дам гирифта, бо навбат. 2. хомӯшона; бе овоза, махфиёна.

**ДАМДОР** دمدار 1. дорои ҳавои дам, гарм; **таҳхонаи дамдор** таҳхонаи ҳавояш даму гарм. 2. дорои тавоноии зиёд нигоҳ доштани нафас дар зери об.

**ДАМДУЗД** دمدزد камгап, дами дарун, хапак; одами доное, ки ҳангоми гуфтугӯи касон рамузгирона хомӯш мешинад, шахси сокит.

**ДАМДУЗДӢ** دمدزدی камгапӣ, хапак будан, хомӯшӣ.

**ДАМДУЗДОНА** دمدزدانه аз рӯи камгапӣ, хомӯшона.

**ДАМИДА** دمیده *сифати феълии замони гузашта аз* **дамидан** I, II.

**ДАМИДАГӢ** دمیدگی 1. *шакли дигари сифати феълии замони гузашта аз* **дамидан** I, II. 2. варам, бод, ғуррӣ. 3. ҳар чизи ба рӯю бадан баромада (*аз қабили* гармича).

**ДАМИДАН** I دمیدن 1. вазидан. 2. бод фиристодан бо нафаси худ (*мас., ба най*), пуф кардан; бод додан бо дами оҳангарӣ. 3. варам кардан. 4. *д.* дам андохтан, афсун хондан, куфу суф кардан.

**ДАМИДАН** II دمیدن 1. сабзидан, рӯидан, якбора ва саросар аз замин баромадан (-и сабза, лола *ва г.*). 2. баланд шудани ҳар чиз аз ҳолати аслиаш: **дамидани об**, **дамидани хамир, дамидани шир** (*вақти ба ҷӯш омадан*). 3. зада баромадан, дар рӯю бадан пайдо шудан(-и гармбод, мурғак, сурхакон *ва г.*). 4. баромадан, тулӯъ кардан (-и офтоб); пайдо шудан, намудор гаштан: **дамидани сурхӣ ба рӯй, дамидани мурғак дар бадани** *касе*; **сапеда дамидан // субҳ дамидан** сафед шудани рӯз, расидани саҳар; **рӯҳ дамидан** рӯҳ бахшидан, ҷон бахшидан; **ҷон дамидан** а) ҷон бахшидан; қувваи тоза бахшидан; б) ҷон даромадан; аломати ҳаёт зоҳир шудан.

**ДАМИШ** دمش *исми феълӣ аз* **дамидан**; 1. вазиш: **дамиши бод**. 2. варам; баланд шудан; **дамиши шикам**, **дамиши об**.

**ДАМКАРДА** دمکرده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **дам кардан**; дамкарда, чизе, ки дам карда шудааст. 2. ҷое, ки бар асари ҳарорати баланди ҳаво ва бухори об он ҷо нафасгирӣ мушкил аст.

**ДАМКАРДАГӢ** دمکردگی *шакли дигари сифати феълии замони гузаштаи* **дамкарда**.

**ДАМКАРДАНӢ** دمکردنی *сифати феълии замони оянда аз* **дам кардан**; он чи бо роҳи дам кардан омода мешавад, қобили дам кардан, дампазир.

**ДАМКАШ** دمکش *кит.* ҳамсуруд, он ки дар суруд хондан ба хонандаи дигаре ҳамовозӣ мекунад; ҳофиз, сароянда.

**ДАМЛАМА** دملمه таоми дампухт, ки аз гӯшти равғандор ва сабзавоту кабудиҳо тайёр карда шудааст.

**ДАМОБА** دمآبه оби дар банди ҷӯй ё дарё ҷамъомада, ки бо кушодани дами об ҷӯш зада поён меравад.

**ДАМОДАМ** دمادم дам ба дам, ҳар замон; пай дар пай, паёпай, беист.

**ДАМОЛУДА** دمآلوده *кит.* хунолуд, оғушта ба хун, хунин.

**ДАМОМА** دمامه *кит.* 1. нақора, дуҳул. 2. карнайи хурд, нафир.

**дамон** دمان *феъли ҳол ва сифати феълӣ* **аз дамидан** I, II.

**ДАМОН** دمان 1. вазон, вазанда: **боди дамон**. 2. пурҷӯшу хурӯш, хурӯшон, пуртуғён: **баҳри дамон**. 3. *маҷ.* ғуранда, наъразананда, маст: **пили дамон**.

**ДАМОНДАН** دماندن *тарзи бавоситаи* **дамидан**; сабзондан, рӯёндан, баровардан.

**ДАМОСАТ** *а.* دماثت *кит.* нармхӯӣ, мулоимтабиатӣ.

**ДАМПАЗ** دمپز ғизое, ки рӯи оташи паст дар буғи худ пухта мешавад: **гӯшти дампаз**.

**ДАМПУХТ** دمپخت *ниг.* **дампаз**.

**ДАМПУХТА** دمپخته *ниг.* **дампаз**.

**ДАМПУХТАГӢ** دمپختگی дампухта будан, дар буғ пухташуда.

**ДАМСАРД** دمسرد 1. дорои ҳавои сард; сардмизоҷ. 2. *маҷ.* он ки гуфтору рафтори хунук ва нохушоянд дорад.

**ДАМСОЗ** دمساز 1. ҳамдам, мӯнис; рафиқи ҳамроз; **рафиқи дамсоз** рафиқи шафиқ, ёри ҷонӣ. 2. мувофиқ, мусоид. 3. *кит.* он ки дар сурудхонӣ ба дигаре ҳамроҳ мешавад, ҳамовоз, дамкаш.

**ДАМСОЗӢ** دمسازی 1. ҳамдамӣ, мӯнисӣ; ҳамсӯҳбатӣ. 2. мувофиқат, мусоидат. 3. *кит.* ҳамовозӣ.

**ДАМТАБАҚ** دمطبق табақ барои дам кардани оши палав.

**ДАМТЕЗ** دمتیز нӯгтез, буранда.

**ДАМХӮР** دمخور 1. он ки ба эрод ё пичинги одамон эътироз намекунад. 2. *маҷ.* ҳамнишин ва ҳамсӯҳбат.

**ДАМХӮРДА** دمخورده *сифати феълии замони гузашта аз* **дам хӯрдан**; **чойи дамхӯрда** чойе, ки дар натиҷаи муддате гарм нигоҳ доштан (пас аз дам кардан) рангу мазааш баромадааст; **замини дамхӯрда** замини киштнокарда, замини барои қувват гирифтан як-ду сол нокиштамонда.

**ДАМҲОТКАРДА** دمهاتکرده *лаҳҷ., сифати феълии замони гузашта аз* **дам ҳот кардан;** дамгирифта.

**ДАМЪ** *а.* دمع *кит.* 1. оби дида, ашк, сиришк. 2. *тиб.* бемории обравии чашм.

**ДАН(Н)** *а.* دن *кит.* хуми дарози борик.

**ДАНА** دنه *кит.* шодиву нишот; хушҳолӣ.

**ДАНГ** I دنگ *кит.* 1. гиҷ, саргашта, гаранг, беҳуш; ҳайрон. 2. аблаҳ, аҳмақ. 3. танбал.

**ДАНГ** II دنگ садо ва овози таниндор, ки аз бархӯрдани ду чизи сахти оҳанӣ *ва г.* бо ҳамдигар пайдо мешавад.

**ДАНГ** III دنگ василае барои кӯбидани шолӣ барои ҷудо кардани биринҷ, абзори шоликӯб.

**ДАНГАЛ** دنگل *ниг.* **калтак**.

**ДАНГАР-ДАНГАР** دنگردنگر *калимаи тақлиди* овози пайиҳам бархӯрдани чизҳои филизӣ (*аз қабили* табақу тағора).

**ДАНГ-ДАНГ** دنگدنگ *калимаи тақлиди* овози

пайиҳами занги соат, зангӯла.

**ДАНГИЛ** دنگل *кит.* аҳмақ, аблаҳ, нодон.

**ДАНГӢ** دنگی *кит.* бехабарӣ, беҳушӣ; нодонӣ.

**ДАНГОНА** دنگانه гаштак, ҳарифона, донгона.

**ДАНГОСА** دنگاسه *лаҳҷ.* танбал, бекору беор, лаванд, коҳил.

**ДАНГОСАГӢ** دنگاسگی *лаҳҷ.* танбалӣ, лавандӣ, коҳилӣ.

**ДАНД I** دند *кит.* 1. аҳмақ, аблаҳ, нодон. 2. дузд. 3. чизе, ки даҳани инсонро хушк мекунад ва меафшурад; дандонбар (*аз қабили* хурмои хом, санҷид…).

**ДАНД II** دند *кит.* донаи меваи беданҷири чинӣ, ки монанди писта буда, хусусияти дармонӣ дорад.

**ДАНДА I** دنده *кит.* устухони қабурға.

**ДАНДА II** دنده 1. дандона. 2. ҳар як аз дувоздаҳ ҷуфти устухони баланд ва қавсшакли сутунмӯҳраи мӯҳрадорон. 3. ҳар як аз дандонаҳои чархзананда дар қисмати муҳаррики мошин, ки ба он суръати муносиб медиҳад.

**ДАНДАНА** *а.* دندنه *кит.* оҳиста ва зери лаб сухан гуфтан.

**ДАНДОН** دندان 1. узви устухонӣ дар даҳони инсон ва ҳайвонот, ки вазифаи хойида хӯрдани хӯрок ва газиданро иҷро мекунад: **дандони ашк, дандони курсӣ, дандони сунъӣ, дандони тилло**; **дар ноомади кор шиша сандон шиканад, атола дандон** (*зарб.*). 2. *ниг.* **дандона**; **дандони ширӣ** дандони инсон (20 адад), ки дар ҳафтсолагӣ ба тадриҷ меафтад ва ба ҷои он 32 дандони дигар мебарояд; **боби дандон** а) дандонгузар; б) *маҷ.* безӯр, камқувват; ба осонӣ ҷавидашаванда; **дандон задан** а) газидан бо дандон; б) *маҷ.* сухани нештардор гуфтан; маломат кардан; **дандон хойидан // дандон сойидан** дандонҳоро ба ҳам сойидан, дандонҳоро ба ҳам сойиш дода садо баровардан (*аз ғояти хашму ғазаб*); ◊ **дандон доштан** ба касе душманӣ доштан, ғараз доштан ба касе; **дандони** *касе* **газ-газ шудан** сахт хашмгин шудан, ниҳоят ба ғазаб омадан; **дандон гиз кардан** *лаҳҷ.* дандон нишон додан, ғазаб зоҳир намудан; тамасхур кардан; **дандон тез кардан** а) дандон ба газидан омода намудан; кина варзидан; б) да намудан; кина варзидан; б) тамаъ кардан; **дандон ба дандон мондан (ниҳодан, гузоштан)** тоб овардан ба сахтие, сабр кардан, бардошт кардан; **бо дандону нохун ҷангидан** то охирин имконияту қувва ҷангидан.

**ДАНДОНА** دندانه 1. қисми қатори дандонмонанди баъзе асбобҳо: **дандонаи арра, дандонаи мола, дандонаи шона**. 2. қисми болоии дандоншакли деворҳои қалъа ва қаср, кунгура. 3. қисми кунгурашакли баъзе ҳарфҳои алифбои арабӣ.

**ДАНДОНАБУРӢ** دندانه‌بری буридани дандонаҳо дар чӯб ё филиз ба воситаи абзорҳои усторӣ ё дастгоҳҳои дандонабурӣ.

**ДАНДОНАДОР** دندانه‌دار 1. дорои **дандона** 1; **чархи дандонадор** *тех.* чархи дорои дандонаҳои давродавр, ки барои ба гардиш овардани чарх, тир ё ягон қисми дигари олоти механикӣ хизмат мекунад. 2. кунгурадор: **девори дандонадор**.

**ДАНДОНАКАШӢ** دندانه‌کشی **:дандонакашӣ кардан** *ниг.* **дандонамола кардан**.

**ДАНДОНАМОЛА** دندانه‌ماله сихмола; **дандонамола кардан** сихмола ронда шикастани кулӯхҳо ва нарму ҳамвор кардани замини шудгоршуда пеш аз кишт.

**ДАНДОНБАР** دندانبر 1. дандон кундкунанда (*оид ба* чизҳои турш); данд, зумухт. 2. *маҷ.* қасддор; **дандонбар шудан** қасддор шудан ба касе.

**ДАНДОНГИР** دندانگیر 1. он чи ба дандон меояд. 2. *маҷ.* боарзиш, қимат, гаронбаҳо. 3. газанда (*аз қабили* хар ва саг).

**ДАНДОНГУЗАР** دندانگذر ҳар чизи мулоим, ки зӯри дандон ба он мерасад (*барои хоидану газидан*).

**ДАНДОНДАРД** دندان‌درد дарди дандон, бемориҳои дандони инсон.

**ДАНДОНДАРОЗ** دندان‌دراز 1. дорои дандонҳои дароз. 2. *кит., маҷ.* ҳарис, чашмгурусна.

**ДАНДОНДОР** دندان‌دار дорои дандон, дандондошта.

**ДАНДОНЗАД** دندانزد чизи дандони касе расида; сарқут.

**ДАНДОНЗАНӢ** دندانزنی 1. *исми амал аз* **дандон**

**задан**. 2. *маҷ.* якдигарро хоидан, нештар расонидан.

**ДАНДОНӢ** دندانی 1. *марбут ба* **дандон**. 2. **овози дандонӣ** овозе, ки бо қарор гирифтани нӯги забон дар пушти дандонҳои пеш пайдо мешавад, монанди «т» ва «д».

**ДАНДОНКАН** دندانکن *маҷ.* он ки шуғли ӯ кандани дандони иллатӣ аст: **духтури дандонкан**.

**ДАНДОНКОВ(АК)** دندانکاو//دندانکاوک *ниг.* **дандонхилол**.

**ДАНДОНМОЛА** دندانماله *ниг.* **дандонамола**.

**ДАНДОННАМО** دندانّنما 1. дандонро намоёнкунанда, дандонро нишондиҳанда; **табассуми дандоннамо** тавре табассум кардан, ки дандонҳо намоён шаванд. 2. *маҷ.* хашмгин.

**ДАНДОННОГУЗАР** دندانناگذر 1. сахт, зӯри дандон намерасидагӣ. 2. *маҷ.* душворфаҳм; *муқ.* **дандоншикан** 3.

**ДАНДОНПИЗИШК** دندانپزشک *нав.* духтури дандон.

**ДАНДОНПИЗИШКӢ** دندانپزشکی 1. *тиб.* яке аз риштаҳои илми тиб, ки ба таҳқиқ, дармон ва пешгирии бемориҳои дандон машғул аст. 2. марбут ба корҳое, ки дандонпизишк анҷом медиҳад. 3. ҷой ва маҳалли кори дандонпизишк.

**ДАНДОНРЕХТА** دندانریخته он ки дандонҳояш рехта бошад, бедандон.

**ДАНДОНСАДАФ** دندانصدف *ниг.* **садафдандон**.

**ДАНДОНСАФЕД** دندانسفید 1. он ки дандонҳои ӯ бисёр сафед аст. 2 *маҷ.* хандон, хушҳол.

**ДАНДОНСОЗ** دندانساز он ки дандони ориятӣ месозад, созандаи дандонҳои сунъӣ: **духтури дандонсоз, техники дандонсоз**.

**ДАНДОНСОЗӢ** دندانسازی 1. сохтани дандонҳои сунъӣ. 2. шуғлу амали дандонсоз.

**ДАНДОНТИЛ(Л)О** دندانطلا дорои дандони тил(л)о.

**ДАНДОНХИЛОЛ** دندانخلال чӯбчаи махсус барои кофта тоза кардани байни дандонҳо, дандонхилол.

**ДАНДОНХОЙ** دندانخای он чи ё он ки дандонҳояшро аз ғояти хашм ба ҳам месояд.

**ДАНДОНХОЯК** دندانخایک чизе, ки дар вақти дандон баровардани кӯдак барои хойидан ба вай медиҳанд.

**ДАНДОНШИКАН** دندانشکن 1. бисёр сахт, маҳкам, қоқ (*дар бораи хӯрок*). 2. *маҷ.* бисёр сард, хеле хунук (*доир ба об ва нӯшокиҳои дигар*): **оби хунуки дандоншикан**; **майи дандоншикан** шароби таъсираш зиёд, майи олисифат, бодаи дараҷаи олӣ. 3. *маҷ.* душвор, мушкил; душворфаҳм: **муаммои дандоншикан**. 4. бисёр қимат, гарон (*оид ба* нарх).

**ДАНДОНШӮЙ** دندانشوئی шустани дандон.

**ДАНДОНШӮЯК** دندانشویک мисвок барои шустан ва покиза кардани дандонҳо.

**ДАНИДАН** دنیدن *кит.* хиромидан, хушҳолона қадам задан, шодона давидан.

**ДАНӢ** *а.* دنی *кит.* нокас, фурӯмоя, дун, паст, сифла, разил: **дунёи данӣ, хасми данӣ**.

**ДАНОН** دنان *кит.* 1. *феъли ҳол аз* **данидан**. 2. хушҳол шудан.

**ДАОВӢ** *а.* دعاوی *ҷ.* **даъво**.

**дар** در *асоси замони ҳозира аз* **даридан**.

**дар-** در *пешванд, ки бо мақсади ифодаи тобишҳои маъноӣ дар аввали баъзе феълҳо меояд:* **даркашидан, даргузаштан, даррабудан** *ва г.*

**ДАР** I در 1. табақи аз тахта, оҳан *ва г.* сохташуда барои пӯшондани даромадгоҳи хона, ҳавлӣ, хайма, кабинаи автомобил, ҳавопаймо *ва г.;* қисми кушодаю пӯшидашавандаи сандуқ, ҷевон *ва г.*: **дари баромад, дари даромад, дари дутабақа (*ё* яктабақа)**. 2. даргоҳ, хонаи одамони баобрӯ ва эътиборнок; **саги дари хона** саги даргоҳ. 3. *нум.* дар шумораи хонаю ҳавлӣ: **як дар хона, даҳ дар ҳуҷра…** 4. боб, бобат, хусус; **аз ҳар дар** аз ҳар боб, аз ҳар хусус; **дари ид** рӯзҳои пеш аз ид; арафаи ид; **дар ба дар** аз ин дар ба он дар (гаштан); аз ин хонадон ба он хонадон (гаштан); *муқ.* **дарбадар**; **дару бом // бому дар** *кинoя аз* манзилҳо, хонаҳо; **дару девор** ҳама ҷои иморат; ҳамаи биноҳо; ◊ **дар бастан ба (бар) рӯи** *касе* ба касе рӯи хуш надодан; пеши роҳи касеро гирифтан; **дари** *касеро* **кӯфтан** ба хонадони касе омадан (*бо илтимосе ё эҳтиёҷе*); **хоки дари** *ҷоеро* **рӯфтан** хизмати ҷоеро ичро

кардан; дар хизмати ҷое (касе) будан; **дар гӯӣ, девор мегӯяд** одами бефаҳму фаросат аст; **дара (дарро) задам, девор кафид** *гуфт.* ҳангоми ҷавоби номувофиқу бемавқеъ додани касе ё акси кореро кардани касе мегӯянд; **агар бемор дуруст шуданӣ бошад, табиб ба дари хона меояд** (*зарб.*) дар мавриди нохост омада мондан ё пайдо шудани шахс ё ягон чизи ба он сахт эҳтиёҷдошта гуфта мешавад; **як дари баста, сад дари кушода** (*зарб.*) ин ҷо набошад, ҷои дигар; ин кас набошад, каси дигар (*дар мавриди дар ҷое ё аз касе ҳосил нашудани мақсад ва ба ҷой ё шахси дигар умедворӣ доштан гуфта мешавад*).

**ДАР** II در *пешоянд* 1. *ҷои воқеъ шудани ашё (дар даруни ё ҳудуди мавзее) ва маҳалли ба вуқӯъ пайвастани амалро нишон медиҳад, андар:* **дар лаби ҷӯй, дар паҳлуи миз, дар рӯи миз**. 2. *сӯи равона шудани амалеро ифода мекунад,* ба. 3. *замон ва ҳангоми ба вуқӯъ омадани амалеро ифода мекунад:* **дар аснои (сӯҳбат), дар айёми (ҷавонӣ), дар вақти (зиндагии касе), дар бачагӣ, дар пиронсолӣ, дар охири моҳ, дар рӯзҳои тобистон; дар оянда** минбаъд; **дар як дақиқа** а) дар зарфи як дақиқа; б) зуд, ба тезӣ; 4. *дар ҳолате воқеъ будан ё дар вазъияте гузаштани ҳодисаеро ифода мекунад:* **дар хоб…, дар азобу роҳат шарики** *касе* **будан**. 5. *соҳаи фаъолият ва машғулияти шахсро нишон медиҳад.* 6. *пеш аз баъзе феълҳо (хусусан масдарҳо) омада, давомнокии амал ё дар айни ҳол воқеъ гаштани амалро нишон медиҳад*: **дар шоҳмотбозӣ ҳамто надошт**. 6. *пеш аз баъзе феълҳо (хусусан масдарҳо) омада, давомнокии амал ё дар айни ҳол воқеъ гаштани амалро нишон медиҳад*: **гулҳо дар шукуфтан аст…** 7. *дар ҳайати як гурӯҳ феълҳои таркибӣ меояд*: **дар воҳима мондан, дар ғазаб шудан (омадан), дар ларза андохтан, дар ҳайрат гузоштан, дар ҳайрат монданд, дар ташвиш мондан: дар хиҷолат мондан; дар бадали…** дар ивази…, ба ивази…; **дар болои…** а) дар хусуси…, дар борai…; б) дар айни…, дар ҳангоми…, дар аснои…, дар ҳини…; **дар масофаи…//дар масофати…** ба фосилаи…, ба дурии…; **дар назди…, дар пеши… дар қарибии…; дар пайи…** бо нияти…, дар садади…; **дар сари…** а) дар болои…, болои…: **дар сари кӯҳ**; б) назди…, канори…: **дар сари чашма;** в) дар роҳбарии…, дар роҳбарияти…; **дар сурати…** а) ба шакли…; ҳамчун…; б) ба мавриди…; **дар ғояти…** ба дараҷаи баланди…; дар ғояти зебоӣ; **дар қатори…** баробари…; мисли…, монанди…; **дар ҳаққи…** а) дар бораи…, дар хусуси…, оид ба…; б) бахшида ба…; ба ифтихори...; **дар амал** амалан, ҳақиқатан; **дар воқеъ** ҳақиқатан, воқеан; **дар бар гирифтан** а) дар худ доштан, иборат будан, шомил будан, ҳовии чизе будан; б) фаро гирифтан.

**ДАРА** I دره водии танги воқеъ дар байни ду кӯҳҳо ё силсилаи кӯҳҳо: **дараи Варзоб, дараи Пули Сангин, дараи Ниҳон, дараи Рашт**.

**ДАРА** II دره *кит.* шикамбаи чорпоёни хонагӣ.

**дарав** درو *асоси феъли замони ҳозира аз* **даравидан**.

**ДАРАВ** درو бо дос ё мошин буридани алаф, пояи ҷаву гандум *ва г.* аз киштзор ва марғзор: **вақти дарав, дарави дуюми юнучқа, дарав кардан, ба дарав даромадан; мошини дарав** механизми махсуси даравкунандаи алаф, ҷаву гандум *ва г.*

**ДАРАВГАР** دروگر он ки бо дос ё мошин алаф ва ғалла медаравад, даравкунанда.

**ДАРАВГАРӢ** دروگری дарав кардан, даравидан; амали даравгар.

**ДАРАВИДАН** درویدن аз бех буридани алафу ғалла бо досу мошин аз киштзор, дарав кардан; ◊ **аз болои шутур алаф даравидан** *гуфт.* манманӣ кардан, лоф задан дар иҷрои коре (*бехабар аз душвории он*).

**ДАРАК** I درک 1. хабар, огоҳӣ; **дарак надоштан** *аз чизе* бехабар будан аз чизе. 2. *маҷ.* нишона, асари чизе; **дарак додан** *аз чизе, касе* //**дараки** *чизе ё касеро* **додан** хабар додан аз ҷои чизе ё касе; **дарак ёфтан** *аз чизе, касе* // **дараки** *чизе ё касеро* **ёфтан** а) аз (дар) куҷо будани чизе ё касе огоҳ шудан б) нишонаи чизе ё касеро пайдо кардан; **дарак нашудан** *аз касе, чизе* бедарак шудан, беному нишон шудани касе *ё* чизе; ◊ **аз ҳар дарак** аз ҳар хусус, дар бораи ҳар чиз; **беному дарак шудан** беному нишон шудан; номаълум ғоиб шудан, нест шуда рафтан; **дарак кардан** ҷустуҷӯ кардан, суроғ кардан; пурсидан.

**ДАРАК** II درک *ниг.* **дарча**.

**ДАРАК** III *а.* درک 1. *д.* яке аз табақаҳои ҷаҳан-

нам; поинтарин табақаи ҷаҳаннам. 2. *маҷ.* ҷои бисёр нохушоянд.

**ДАРАҚ-ДАРАҚ** درقدرق **:дарақ-дарақ ларзидан** *гуфт.* бо тамоми бадан ларзидан, сахт ларзидан (*аз шиддати сармо, вараҷа, ҳаяҷон ва г.*).

**ДАРАҚҚОС** درقّاس **:дараққос зада ларзидан** *ниг.* **дарақ-дарақ (дарақ-дарақ ларзидан)**.

**ДАРАНГ** I درنگ 1. ист, таваққуф; таъхир, дермонӣ. 2. сустӣ, оҳистагӣ; *муқоб.* **шитоб; даранг кардан** а) таъхир кардан, дер мондан; б) сустӣ (коҳилӣ) кардан.

**ДАРАНГ** II درنگ *лаҳҷ., ниг.* **дӯғ (дӯғу даранг)**.

**ДАРАНГАС//ДАРАНГОС** درنگس//درنگاس *ниг.* **даранг-даранг**; **дарангас-дарангас задан** садои дарангдаранг баровардан.

**ДАРАНГ-ДАРАНГ** درنگ‌درنگ *калимаи тақлиди* овози ба ҳам задани чизҳои калони филизӣ; садои тори соз ва нақора.

**ДАРАНГИДАРАНГ** درنگ‌درنگ садо ва овози пайдарпайи даранг.

**ДАРАНГӢ** درنگی 1. *кит.* побарҷо, устувор, босабот. 2. *маҷ.* танбалӣ, сусткорӣ.

**ДАРАНГПЕША** درنگ‌پیشه *кит.* оҳистакор; *муқоб.* **шитобкор**.

**ДАРАНДА** درنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **даридан;** дарonанда; **бурандаю даранда** ботадбир, гапдон, кордон (*оид ба зан*). 2. *маҷ.* ҳайвони ваҳшии хунхор; **даррандаю чаранда** ҳайвоноти ваҳшии хунхор ва алафхор.

**ДАРАНДАВОР** درنده‌وار мисли даранда, дарандасон, ваҳшиёна.

**ДАРАНДАГӢ** درندگی кирдору рафтори хоси даранда, ваҳшигӣ, ваҳшигарӣ, ваҳшоният.

**ДАРАНДОХТАН** دراندختن 1. сохтан, бунёд кардан. 2. ба миён гузоштан, матраҳ кардан; ◊ **аз по(й) дарандохтан** ғалтондан, афтондан, сарнагун кардан.

**ДАРАНДУДАН** دراندودن *кит.* молидан, андовидан, андова кардан.

**ДАРАФЗУДАН** درافزودن 1. афзудан, афзун шудан, зиёд гаштан. 2. афзун намудан, зиёд кардан.

**ДАРАФКАНДАН** درافکندن 1. андохтан; рехтан. 2. берун кардан; афшондан; пошидан.

**ДАРАФРӮХТАН** درافروختن барафрӯхтан, афрӯхтан.

**ДАРАФТОДАН//ДАРАФТИДАН** درافتادن//درافتیدن 1. афтидан, ғалтидан; **ба чанголи** *касе* **дарафтодан** ба дасти касе гирифтор шудан, ба дасти касе афтодан. 2. ҷангу ҷидол кардан бо касе, даст ба гиребон шудан; часпидан ба касе, часпу талош кардан: **ба** *касе* **дарафтодан, бо ҳам дарафтодан**.

**ДАРАФШ** درفش *ниг.* **дирафш**.

**ДАРАФШОНДАН** درافشاندن афшондан.

**ДАРАХТ** درخت растании дарозумре, ки дорои реша, тана, шоху барг ва гоҳо мева аст, шаҷар: **дарахти мевадор, дарахти бесамар (сояафкан), дарахти себ, дарахти тут**; **долу дарахт** *ниг.* **дол**; **дарахт дар як ҷо месабзад** (*мақ.*) ҳар як кор сабру таҳаммул ва устувориро талаб мекунад; **то шамол набошад, шохи дарахт намеҷунбад** (*мақ.*) ҳеҷ чиз бе сабаб намешавад, ҳар як кор сабабе дорад.

**ДАРАХТАК** درختک *кит.* дарахти хурд, дарахти майда.

**ДАРАХТБУР** درخت بر он ки бо буридану афтондани дарахт машғул аст.

**ДАРАХТБУРӢ** درختبری буридану афтондани дарахт; амали дарахтбур.

**ДАРАХТДОР** درختدار дорои дарахт: **ҷои дарахтдор**.

**ДАРАХТЗОР** درختزار ҷои сердарахт, макони анбӯҳи дарахтон.

**ДАРАХТИСТОН** درختستان дарахтзор, ҷои сердарахт.

**ДАРАХТСУНБА** درختسنبه *кит.* 1. эзорсурхак, парандае, ки бо нӯлаш танаи дарахтонро шикоф мекунад. 2. занбӯри сиёҳи калон, ки чӯби хушкро сӯрох мекунад.

**ДАРАХТШИНОНӢ** درختشنانی шинондани дарахт, ниҳолшинонӣ.

**ДАРАҶА** *а.* درجه 1. поя, зина; сатҳ, савия: **дараҷаи тараққиёт**. 2. мартаба, рутба; мансаб, мақом. 3. пояи маҳорати ҳунарманди ягон соҳа; пояи илмӣ: **харроти дараҷаи ша-**

**шум, челонгари дарачаи панчум, ронандаи дарачаи якум; дарачаи номзади (доктори) илм**. 4. *риёз.* ҳар яке аз сесаду шаст ҳиссаи доира. 5. *ҷугр.* воҳиди миқёси тӯлу арзи кураи Замин. 6. гурӯҳ ё мавқеъ, ки барои баъзе соҳаҳо муқаррар шудааст: **дипломи дараҷаи якум, нишони дараҷаи сеюм, дараҷаи таҳсилот (ибтидоӣ, миёна, олӣ)**. 7. ҳар як ҳиссаи тақсимоти асбобҳои андозгирӣ, мисли ҳароратсанҷ, фишорсанҷ *ва г.*: **дараҷаи ҳарорат, дараҷаи хунукии ҳаво, дараҷаи фишори хун**. 8. воҳиди ченаки зичии моеот, баландии спирт ва машруботи спиртӣ. 9. мартаба, бор, дафъа, карат; **як дараҷа** а) як бор, як дараҷа; б) ба ҳар ҳол. 10. *грам.* мафҳуми грамматикии хоси ҳиссаҳои сифату зарф, ки вобаста ба доштан ё надоштани пасвандҳои –тар ва –тарин *ва г.* аз ҳам фарқ мекунанд: **сифати дараҷаи одӣ, сифати дараҷаи қиёсӣ, сифати дараҷаи олӣ; ба дараҷае** а) ба ҳадде; чунон. б) як андоза, андаке, каме; **ба дараҷаи**… ба ҳадди…, то ба ҳадди…, то; **ба дараҷаи даркорӣ** ба қадри кофӣ, ба андозаи зарурат; **ба ин дараҷа** ба ин андоза, ин қадар; чунин; **дараҷа ба дараҷа** тадриҷан, оҳиста-оҳиста; **ба дараҷаи… расидан** а) ба рутбае расидан; б) ба ҳадде расидан.

**ДАРАҶАБАНДӢ** درجه‌بندی *нав.* ба дараҷаҳо ҷудо кардан, аз рӯи дараҷа ба гурӯҳҳо тақсим кардани чизе: **дараҷа кардан**.

**ДАРАҶАДОР** درجه‌دار соҳиби дараҷа, дорои унвони ҳарбӣ.

**ДАРАҶАДОРӢ** درجه‌داری соҳиби мартаба будан, соҳиби унвон будан.

**ДАРБ** *а.* درب *кит.* дарвоза; дарвозаи шаҳр ва қалъа; дар.

**ДАРБАДАР** دربدر овора, сарсону саргардон; бехонумон; **ятими дарбадар** ятими бехонумон.

**ДАРБАДАРГАРДӢ** دربدرگردی оворагардӣ, сарсонӣ, бехонумонӣ.

**ДАРБАДАРӢ** دربدری оворагӣ, оворагардӣ, сарсонӣ, саргардонӣ; бехонумонӣ.

**ДАРБАДЕВОР** دربديوار *ниг.* **деворбадевор**.

**ДАРБАНД** دربند 1. танбаи дару дарвоза; лӯкидон, ғалақа. 2. роҳи тангу борики душворгузар дар кӯҳҳо, тангно.

**ДАРБАНДОН** دربندان *кит.* 1. муҳосира: **дарбандон кардан** муҳосира; кардан. 2. баста, дарбаста, маҳкам. 3. *маҷ.* сарҳад, ҳудуд.

**ДАРБАРГИРАНДА** دربرگیرنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **дар бар гирифтан;** фарогиранда.

**ДАРБАСТА** دربسته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **дар бастан**; он чи дараш пӯшида (маҳкам) аст; қуфлзада: **сандуқи дарбаста**. 2. дар паси дари баста, аз назари дигарон ниҳон; **дарбаста мондан** *киноя аз* беодам мондан, бе истиқоматкунанда мондани хонаю ҷой.

**ДАРБАСТАН** دربستن маҳкам кардан, пӯшидан, бастан: **дида дарбастан**.

**ДАРБАЧА** دربچه дарича, дари хурд.

**ДАРБЕҲ** دربه пина, васла, поргӣ, ямоқ; **дарбеҳ кардан** ба ҷои даридаи либос ё чизи дигар дӯхтан ё часпондани порае, пина дӯхтан; ◊ **дарбеҳи ночаспон** чизи номуносиб, ҳар чизи ноҷӯр.

**ДАРБЕҲДОР** دربه‌دار *ниг.* **дарбеҳнок**.

**ДАРБЕҲНОК** دربه‌ناک пинадор, ямоқӣ, поргидор.

**ДАРБОИСТ** دربایست *кит.* 1. зарур, лозим, даркор: **дарбоист шудан**. 2. мувофиқ, муносиб, сазовор.

**ДАРБОИСТА** دربایسته *ниг.* **дарбоист**.

**ДАРБОН** دربان нигаҳбони дар, дарвозабон, ҳоҷиб.

**ДАРБОНӢ** دربانی амал ва шуғли дарбон; ҳоҷибӣ; дарбон будан; **дарбонӣ кардан** дар вазифаи муҳофизи дару дарвозаи ҷое будан; қаровулӣ кардан.

**ДАРБОНХОНА** دربان‌خانه ҷое, ки дарбон менишинад.

**ДАРБОР** دربار 1. қасри подшоҳӣ, даргоҳ, боргоҳ. 2. идораи коргузории шоҳу амир, девони салтанат; **вазири дарбор** мутасаддии идораи дарбор.

**ДАРБОРӢ** درباری 1. *мансуб ба* **дарбор**: **адабиёти дарборӣ**. 2. *таър.* мулозим ва ходими дарбори подшоҳ, аҳли дарбор (*ба ин маъно асосан дар шакли ҷамъ* – дарбориён *меояд*).

**ДАРБОФТАН** دربافتن дарҳам танидан, дарҳам пайвастан ва васл кардан.

**ДАРБОХТАН** درباختن 1. бозӣ кардан, бозидан. 2. бохтан, бой додан. 3. *маҷ.* сарф кардан, харҷ кардан; **умр дарбохтан** умр сарф кардан; беҳуда умр гузаронидан.

**ДАРВЕЗА** درویزه *кит., ниг.* **дарюза**.

**ДАРВЕЗАГАРӢ** درویزه‌گری *кит. ниг.* **дарюзагарӣ**.

**ДАРВЕШ** درویش 1. пайрави тасаввуф ва фирқаҳои он. 2. нодор, бенаво; қашшоқ, фақир; тиҳидаст, фурӯтан. 3. *кҳн.* қаландар, сӯфӣ, зоҳид, гӯшанишин: **то шаҳре насӯзад, кабоби дарвеше напазад** (*зарб.*).

**ДАРВЕШДӮСТ** درویش‌دوست *ниг.* **дарвешнавоз**.

**ДАРВЕШӢ** درویشی 1. *мансуб ба* **дарвеш**. 2. камбағалӣ, фақирӣ, бенавоӣ. 3. қаландарӣ: **либоси дарвешӣ, сӯтаи дарвешӣ, хирқаи дарвешӣ**.

**ДАРВЕШНАВОЗ** درویش‌نواز он ки ба фақирон, нодорон ва бенавоён ғамхориву меҳрубонӣ зоҳир мекунад.

**ДАРВЕШНАВОЗӢ** درویش‌نوازی меҳрубонӣ ва ғамхорӣ нисбат ба бенавоён.

**ДАРВЕШНАМО** درویش‌نما он ки намуди зоҳирии монанди дарвеш дорад, он ки худро дарвеш вонамуд месозад.

**ДАРВЕШОНА** درویشانه ба монанди дарвеш, мисли дарвеш; фақирона, ҳақирона, камбағалона: **кулбаи дарвешона**.

**ДАРВЕШПАРВАР** درویش‌پرور *ниг.* **дарвешнавоз**.

**ДАРВЕШСИРАТ** درویش‌سیرت бо сират ва сифати дарвешӣ, дарвешсифат.

**ДАРВЕШСИФАТ** درویش‌صفت дорои ахлоқ ва тинати дарвешӣ, дарвешсифат.

**ДАРВЕШСИФАТӢ** درویش‌صفتی дарвешсифат будан.

**ДАРВОЗА** دروازه 1. дари калони ҳавлӣ, сарой, қалъа, шаҳр *ва г.* (*одатан дутабақа*). 2. банди тахтагини об дар наҳрҳои калон ва каналҳо, тахтаварғ. 3. *варз.* ду пахлуҷӯбу як болоҷӯби тӯрбаста барои зада даровардани тӯб дар бозиҳои футбол, гандбол *ва г.* 4. *маҷ.* даромадгоҳ; гузаргоҳ; ◊ **овозаю дарвоза** ҳангома, ғулғула; шоеа; **овозаю дарвоза кардан** ҳангома (ғулғула) андохтан; машҳур кардан, ба ҳама маълум кардан; **дарвоза ба рӯи** *касе* **кушодан** роҳи саодатро ба рӯи касе боз кардан.

**ДАРВОЗАБОН** دروازه‌بان 1. посбони дарвоза, қаровули дарвоза. 2. *варз.* бозигаре, ки дар футбол, хоккей *ва г.* дарвозаро муҳофизат мекунад.

**ДАРВОЗАБОНӢ** دروازه‌بانی *варз.* кор ва амали дарвозабон, дарвозабон будан.

**ДАРВОЗАДОР** دروازه‌دار дорои дарвоза; дарвозабон.

**ДАРВОЗАХОНА** دروازه‌خانه долони паси дарвозаи ҳавлиҳои бузург ва қалъаҳо, қисми болояш пӯшидаи паси дарвоза.

**ДАРВОЗӢ** دروازی 1. *мансуб ба* **Дарвоз**. 2. сокини ноҳияи Дарвоз, аҳли Дарвоз.

**ДАРВОИСТ** درواист *ниг.* **дарбоист**.

**ДАРВОИСТАН** درواистан *ниг.* **дарбоистан**.

**ДАРВОХ** درواخ *кит.* 1. ҳолати беҳбудии баъд аз беморӣ, сиҳат ёфтан, беҳ шудан; тандуруст, сиҳат. 2. *маҷ.* маҳкам, мазбут; далер, шуҷоъ.

**ДАРГАҲ** درگه *ниг.* **даргоҳ**.

**ДАРГАҲӢ** درگهی *ниг.* **даргоҳӣ**.

**ДАРГАШТА** درگشته аз байн рафта, зеру забаршуда, харобшуда.

**ДАРГАШТАН** درگشتن 1. дигаргун шудан, тағйир ёфтан. 2. ғалтидан, фурӯ ғалтидан.

**ДАРГИР** درگیر гирифтор, машғул; **даргир шудани сӯҳбат** гарм шудани сӯҳбат, авҷ гирифтани сӯҳбат; **тарафҳои даргир** тарафҳои муқобили ҳам.

**ДАРГИРАНДА** درگیرنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **даргирифтан**; оташ гиранда, оташзо; сӯзанда, оташ.

**ДАРГИРИФТА** درگرفته *сифати феълии замони гузашта аз* **даргирифтан**.

**ДАРГИРИФТАН** درگرفتن 1. афрӯхтан, шӯълавар шудан, фурӯзон шудан (-и оташ, чароғи барқӣ); сӯхтан, аланга гирифтан; **даргирифтани равған** аз шиддати оташи зери дег ба сӯхтан сар кардани равған (*дар вақти доғ кардан*). 2. *маҷ.* оташин шудан, шӯрида раф-

тан, якбора дар қаҳр шудан. 3. *маҷ.* мувофиқ омадан, тасфидан, авҷ гирифтан (-и сӯҳбат).

**ДАРГИРӢ** درگيرى 1. *исми амал аз* **даргирифтан**; гирифтор ва машғул будан. 2. гирифторӣ. 3. *нав.* задухӯрд, афтударафт. 4. ихтиллофи назар ва мушоҷара.

**ДАРГИРОНДАН** درگراندن *тарзи бавоситаи* **даргирифтан**: **гулхан даргирондан, чароғ даргирондан, сигор даргирондан**; **оташ даргирондан** оташ афрӯхтан.

**ДАРГИРОНИДАН** درگرانيدن *ниг.* **даргирондан**.

**ДАРГОҲ//ДАРГАҲ** درگاه//درگه 1. дамгаҳи дар; остона. 2. *ниг.* дарбор. 3. хонаи одамони бузургу обрӯманд, ҳавлии калон: **хизмати даргоҳи** *касеро* **кардан**.

**ДАРГОҲӢ** درگاهى *марбут ба* **даргоҳ**.

**ДАРГОҲНИШИН** درگاه‌نشين 1. *кит.* остонашин. 2. *маҷ.* ҳақир, хоксор.

**ДАРГУЗАР** درگذر гузаранда, гузарон; зудгузар: **абри даргузар, борони даргузар**.

**ДАРГУЗАРОНИДАН** درگذرانيدن даргузарондан, гузаронидан.

**даргузашт** درگذشت *асоси замони гузашта аз* **даргузаштан**.

**ДАРГУЗАШТ** درگذشت марг, вафот, фавт, мурдан.

**ДАРГУЗАШТА** درگذشته *маҷ.* он ки аз дунё гузаштааст, фавтида, вафоткарда.

**ДАРГУЗАШТАН** درگذشتن 1. *ниг.* **гузаштан**; **аз даъво даргузаштан** аз даъво даст кашидан, аз баҳри даъво баромадан. 2. *маҷ.* аз олам гузаштан, вафот кардан, мурдан.

**ДАРГУСЕХТАН** درگسيختن пора шудан, гусехтан.

**ДАРҒ** درغ *ниг.* **дарғот**.

**ДАРҒАЗАБ** درغضب ғазабнок, хашмгин, қаҳролуд.

**ДАРҒОТ** درغات банди об, банди пеши оби дарё, наҳр ё ҷӯйҳои калон; дарвозаи обпарто, садди даричадор; **дарғот сохтан** бастани пеши оби дарё.

**ДАРҒОТПУЛӢ** درغات‌پولى *таър.* маблағе, ки барои истифодаи оби ба воситаи дарғот ҷоришуда пардохт мегардид.

**ДАРҒОТСОЗӢ** درغات‌سازى сохтмон ва бунёди банди об.

**ДАРД** درد 1. ҳисси нохушии ягон узв, ранҷ, озор, азият: **дарди ҷонгудоз, дарди ҷонкоҳ, ба дард даромадан, ба дард тоқат кардан**. 2. беморӣ, касалӣ, мараз: **дарди гулӯ, дарди дандон, дарди чашм; дард дигар, аҷал дигар** (*зарб.*); **дард гирифтан** сар шудани дард (*мас., таваллуд*); **дард кардан** ба дард омадан (-и узве); **дард кашидан** азоб кашидан, гирифтори азият будан (*дар натиҷаи беморие*). 3. *маҷ.* азоби рӯҳӣ, алам, ғаму ғусса; фикру ёди аламноки касе ё чизе. 4. мушкилот; дармондагӣ, эҳтиёҷ; **дарди бахайр** а) беморие, ки илоҷу дармон дорад, касали бехатар; б) ҳодиса ё ҳолати ногуворе, ки чора дорад, *муқоб.* **дарди бедаво**; **дарди бедаво** а) беморие, ки бо даво сиҳат намеёбад, касалии дармоннопазир; б) *киноя аз* ҳодисаи ноилоҷ, ҳолати ногуворе, ки аз он чораи халосӣ нест; **дарди дил** а) бемории дил; б) *маҷ.* ғаму ғусса, ҳасрат; **дарди сар** а) ҳисси озори сар аз ягон иллат ё таъсир, судоъ; б) *киноя аз* ташвиш, заҳмат; чиз ё ҳодисае, ки боиси ташвишу саргардонӣ мешавад; **дарди ҳарина** *ниг.* **дарди бедаво**; **дарди бадро давои бад** (*зарб.*) мукофоти амали бад бадӣ аст; бо бадон бояд рафтори бад кард; *муқ.* **давои қурут – оби ҷӯш**; **дарди кампир – ғӯза** (*зарб.*) ҳар касе мувофиқи ҳоли худ эҳтиёҷе дорад; **дард кам, дарди сар кам** (*зарб.*) дар мавриди халос шудан аз ягон кор ё чизи ташвишнок гуфта мешавад; **дарди даруни** ғаму андӯҳи ботинӣ; **дарди ишқ** савдои ишқ; ғаму ташвиши ошиқӣ; **ба дарди** *касе* **даво (дармон, марҳам) шудан** ҳоҷати касеро баровардан, эҳтиёҷи касеро бартараф кардан; **ба дарди** *касе* **хӯрдани** *чизе* ба эҳтиёҷи касе даркор шудани чизе; **дарди дил кардан** ҳасрат кардан, ғаму ғуссаи худро изҳор кардан; дил холӣ кардан; рози дил гуфтан; **дарди сар додан** *касеро* касеро ташвиш додан, бесаранҷом кардан

**ДАРДАМ** دردم дарҳол, дарров; ҳамин дам, ҳамин ҳоло.

**ДАРДАМИДА** دردميده дамида, пуфкарда, варамкарда.

**ДАРДАМИДАН** دردميدن *кит.* пуф кардан; дамидан (-и бод), вазидан.

**ДАРДАНГЕЗ** دردانگیز ангезандаи дард, дарднок, дорои дард.

**ДАРДАРАК** دردرک коғази тунуки борике, ки ба ресмон кашида барои садо додан ба сари бодбарак таранг мебанданд.

**ДАРДАФЗО** دردافزا афзункунандаи дарду ғам.

**ДАРДБОР** درربار *мач.* бисёр ғамангез ва дарднок, ғамбор.

**ДАРДЗАДА** دردزده пурдард, ба дарди бисёр гирифтор шуда.

**ДАРДКАШ** دردکش 1. дардманд, ранчур. 2. ба дарду беморӣ тобовар.

**ДАРДКАШИДА** دردکشیده он ки дарду ранчу азобҳои бисёр дидааст.

**ДАРДКАШӢ** دردکشی 1. *исми амал аз* **дард кашидан**; дардмандӣ, беморӣ. 2. ранчурӣ, азобкашӣ.

**ДАРДМАНД** دردمند 1. гирифтори дард, бемор, касал; серкасал, иллатӣ. 2. *мач.* ғамгин, андӯҳгин, ғамзада, аламнок; **дили дардманд** а) дили иллатнок, қалби бемор; б) *мач.* дили ғамзада, дили пурдарду алам; **дардманди ишқ** гирифтори ишқ, мубталои ишқ, ба савдои ишқ гирифторшуда.

**ДАРДМАНДӢ** دردمندی дардманд будан, дард доштан; беморӣ, касалӣ, ранчурӣ.

**ДАРДМАНДОНА** دردمندانه 1. ба ҳолати дардманд, дардманднамо. 2. *мач.* маҳзунона, ғамгинона.

**ДАРДНОК** دردناک 1. ба дард гирифтор, дардолуд, бодард. 2. пурдарду алам, аламнок; **оҳи дарднок** оҳи пурсӯзу гудоз.

**ДАРДНОКАРДАНӢ** دردناکردنی озорнопазир, озорро ҳис накунанда.

**ДАРДО** دردا *нидо* афсӯс!, дареғо!, ҳайфо!

**ДАРДОВАР** دردآور 1. озордиҳанда, азобдиҳанда, касалиовар: **микробҳои дардовар**. 2. аламнок, ҳузнангез; пурсӯзу гудоз; рикқатовар.

**ДАРДОДАН** دردادن *ниг.* **додан**; **тан дардодан** таслим шудан.

**ДАРДОЛУД** دردآلود дарднок, аламнок.

**ДАРДОМЕЗ** دردآمیز дарднок, омехта бо дард.

**ДАРДОР** دردار он чи дари даромад ё баромад дорад, дорои дар.

**ДАРДОШНО** دردآشنا он ки дарду аламро аз сар гузаронидааст, ранчдида, дардкашида.

**ДАРДПАРВАР** دردپرور *кит.* афгор, дилафгор; ғамгин, ранчур.

**ДАРДХАНД** دردخند *кит.* хандаи зӯрбазӯракии маҳзунона.

**ДАРДЧИН** دردچین *мач.* бартарафкунандаи дард, мунису ғамхор.

**ДАРДШИНОС** دردشناس *нав.* он ки дарду иллатро ташхис дода метавонад.

**ДАРЕВОС** دریواس *кҳн.* 1. чорчӯбаи дар (болодарӣ, ду паҳлӯдарӣ ва остона). 2. танба, чӯбе, ки барои бастани дар ба пушти он мемонанд.

**ДАРЕҒ** دریغ 1. ҳайф, афсӯс. 2. афсӯсхӯрӣ, пушаймонӣ, надомат. 3. *нидо* ҳайфо!, эҳ афсӯс! (*изҳори таассуф ва тараҳҳум*): **э (х) дареғ!, ҳай дареғ!, сад дареғ!; дареғ доштан** ҳайф шумурда худдорӣ кардан аз додан ё сарф намудани чизе (*чузъи феълӣ бештар дар шакли инкорӣ меояд*); **дареғ кардан** *ниг.* **дареғ доштан; чонро дареғ надоштан** чони худро эҳтиёт накардан; аз баҳри чон гузаштан (*дар роҳи чизе*).

**ДАРЕҒГӮӢ** دریغ گویی афсӯсхӯрӣ; ҳасрат.

**ДАРЕҒО** دریغا *нидо* ҳайфо!, ҳай дареғ!, эҳ афсӯс!; **во дареғо!** во ҳасрато!, э вой!

**ДАРЕҒОГӮ(Й)** دریغاگو(ی) *кит.* афсӯсхӯранда, ҳасрату надоматкунанда.

**ДАРЁ** دریا 1. оби калони равоне, ки мачрои табиӣ дошта, манбаи асосиаш боришот аст, рӯд, наҳр: **дарёи Варзоб, дарёи Вахш, дарёи Сир**. 2. *кҳн.* баҳр; **дарёи Хазар** баҳри Каспий; ◊ **аз дарё қатра бахшидан** аз бисёре каме додан (*аз ғояти мумсикӣ ва хасисӣ*); **ба лаби дарё ташна бурда, ташна овардан** ниҳоят пухтаю зирак будан, дар пухтакорӣ беназир будан; **ба дарёи хаёл ғарқ шудан (ғӯтидан, фурӯ рафтан) // ғарқи дарёи хаёл гардидан** бо хаёлу андешаи бисёр банд шудан.

**дарёб** دریاب *асоси замони ҳозира ва сигаи амр аз* дарёфтан; **дарёб кардан** дарёфтан.

**ДАРЁБАНДА** دریابنده дорои тавоноии дарку

фаҳмиш, боҳуш, бофаросат.

**ДАРЁБАНДАГӢ** دریابندگی дорои тавоноии дарёфтан, боҳушӣ, бофаросат будан.

**ДАРЁБОД** دریاباد *кит.* заминҳои канори дарё, ки ҳангоми обхезӣ зери об мемонанд.

**ДАРЁБОР** دریابار *кит.* 1. канори дарё, соҳил, лаби дарё. 2. бандар, шаҳри канори дарё. 3. *маҷ.* бисёр боранда.

**ДАРЁВАШ** دریاوش *кит.* дарёмонанд, ба сони дарё, монанди дарё.

**ДАРЁГАРД** دریاگرد *ниг.* **дарёнавард**.

**ДАРЁГАРДӢ** دریاگردی *ниг.* **дарёнавардӣ**.

**ДАРЁДАМКАШ** دریادمکش 1. дар афсонаҳо паҳлавоне, ки дарёро бо як нафас дам кашида мехушконад. 2. *маҷ.* бисёрнӯшандаи шароб, шаробхӯри гузаро; он ки зиёд нӯшида, дер маст мешавад.

**ДАРЁДАРКАШ** دریادرکش *ниг.* **дарёдамкаш**.

**ДАРЁДИЛ** دریادل 1. *киноя аз* ҳимматбаланд, ҷавонмард, олиҳиммат. 2. *маҷ.* он ки ҳар гуна ғаму андӯҳро ба дили худ роҳ намедиҳад; он ки аз чизҳои майдаю камарзиш ғамгин намешавад.

**ДАРЁДИЛӢ** دریادلی ҳимматбаландӣ, олиҳимматӣ, ҷавонмардӣ.

**ДАРЁДИЛОНА** دریادلانه ҷавонмардона, олиҳимматона.

**ДАРЁӢ** دریائی *мансуб ба* **дарё**; **дуздони дарёӣ** дуздони дарёгард.

**ДАРЁКАШ** دریاکش *кит. ниг.* **дарёдамкаш** 2.

**ДАРЁНАВАРД** دریانورد бахрпаймо, маллоҳ.

**ДАРЁНАВАРДӢ** دریانوردی баҳрпаймоӣ, маллоҳӣ.

**дарёфт** دریافت *асоси замони гузашта аз* **дарёфтан**.

**ДАРЁФТ** دریافت 1. фаҳмиш, фаҳм, дарк, кашф, сарфаҳм рафтан, аз чизе пай бурдан; **назар ба дарёфти...** аз рӯи фаҳмиши... 2. бозёфт; гирифтан, пайдо кардан, ба даст даровардани чизе; **дарёфти маблағе**; **дарёфт кардан** *ниг.* **дарёфтан**.

**ДАРЁФТАН** دریافتن 1. ёфтан, пайдо кардан, ба даст овардан. 2. пай бурдан, дарк кардан, фаҳмидан чизеро. 3. *маҷ.* расидан ба чизе: **дарёфтани базме**, **сӯҳбати** *касеро* **дарёфтан**, **дарёфтани савоби коре**. 4. дучор омадан, дидан, рӯ ба рӯ шудан (*бо касе дар ҳолате*).

**ДАРЁЧА** دریاچه дарёи хурд, рӯди хурд: **дарёчаи шӯхи кӯҳӣ**.

**ДАРЁШИНОС** دریاشناس *нав.* он ки дарёву баҳрҳоро таҳқиқ мекунад, баҳршинос.

**ДАРЁШУКӮҲ** دریاشکوه *кит.* босалобат, пуршукӯҳ.

**ДАРЗ** درز 1. ҷои ба ҳам дӯхтаи қисмҳои либос, чоки дӯхташудаи либос ва дигар чизҳо; ҷои пайванди ду чиз. 2. шикоф, роғ, сӯрох; чок, тарқиш, кафидагӣ (*дар чизе*); **дарзу дӯз** либосдӯзӣ, чокдӯзӣ; **дарз дӯхтан** либос дӯхтан, чок дӯхтан. 3. *тиб.* ҷои пайванди устухонҳои косахонаи сар ба сурати хати борик.

**ДАРЗА** درزه банди алафу пояҳои ғалладонаи даравкарда, ҳезум, беда *ва г.*, даст, қабза: **як дарза беда, дарза бастан**.

**ДАРЗАБАНД** درزه‌بند он ки бо дарза бастан машғул аст, шахсе ки дарза мебандад.

**ДАРЗАДАН** درزدن *ниг.* **задан**; **оташ дарзадан** оташ афрӯхтан; сӯзондан, оташ задан.

**ДАРЗДӮЗ** درزدوز *ниг.* **дӯзанда**.

**ДАРЗДӮЗӢ** درزدوزی 1. *исми амал аз* **дарз дӯхтан**; либосдӯзӣ, чокдӯзӣ, дӯзандагӣ: **мошинаи дарздӯзӣ**. 2. касб ва амали дарздӯз; **дарздӯзии касона** дӯхтани либоси дигарон (*ба музд*); **дарздӯзӣ кардан** бо дӯзандагӣ машғул шудан, либосдӯзӣ кардан.

**ДАРЗИГӢ** درزیگی *кит.* дӯзандагӣ.

**ДАРЗӢ** درزی *кит.* дӯзанда.

**ДАРЗМОЛ** درزمال абзори дарзмол кардани либос, уттӣ: **дарзмол кардан**.

**ДАРИДА** دریده *сифати феълии замони гузашта аз* **даридан**; порашуда, кандагӣ, чокшуда: **кафши дарида**, **либоси дарида**.

**ДАРИДАГӢ** دریدگی *шакли дигари сифати феълии замони гузашта аз* **даридан**.

**ДАРИДАДАҲАН** دریده‌دهن *кит. киноя аз* одаме, ки даҳонаш бефаровез аст, бадгап, беандеша гапзананда.

**ДАРИДАДАҲОН** دریده‌دهان *ниг.* **даҳандарида**.

**ДАРИДАЛИБОС** دریده‌لباس *ниг.* **даридаҷома**.

**ДАРИДАН** دریدن 1. пора шудан, чок шудан. 2. пора кардан, чок кардан, дарондан: **даридани кафш, даридани либос; то даридани пардаҳои гулӯ** то аз овоз мондан, то хиррӣ шудан.

**ДАРИДАҶОМА** دریده‌جامه он ки ҷомаи дарида дар бар дорад; даридалибос, жандапӯш.

**ДАРИЗАБОН** دری‌زبان он ки забонаш дарист, форсизабон, тоҷикзабон.

**ДАРИХОНА** دریخانه *таър.* маросими тантананоки қабул (бо ҷазодиҳиҳои намоишкоронааш) дар дарбори амири Бухоро, ки амир дар ин вақт дар пеши остонаи дари саломхонаи арк менишастааст.

**ДАРИЧА** دریچه 1. *шакли тасғири* **дар**: **даричаи қафас**. 2. тирезачаи хонаҳои қадимӣ, ки бо табақаҳои тахтагӣ пӯшонида мешуд ва рӯзона кушода мемонданд, ки вазифаи тирезаро адо мекард; тирезаи хурд, равзана; **аз дар даромада, аз дарича баромадан // аз дар омада, аз дарича рафтан** *киноя аз* зуд омада рафтан; пайдо шуда зуд нест шудан.

**ДАРИЧАДОР** دریچه‌دار дорои дарича, равзанадор.

**ДАРӢ** I دری *мансуб ба* **дара**; **кабки дарӣ** навъе аз ҷинси кабки хушхон.

**ДАРӢ** II دری забони форсию тоҷикии адабӣ, ки аз асрҳои VIII-IX сар карда дар Мовароуннаҳр ва Хуросон нашъунамо ёфт ва дар даврахои баъд ба дигар сарзаминҳо паҳн шуда, асос ва намунаи забони адабии тоҷикӣ гардид; беҳтарин намунаҳои ин забон асарҳои адибони асрҳои X-XI, ҳамчун Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Балъамӣ, Берунӣ, Ибни Сино ва дигарон ҳисоб шуда, дар даврахои баъдина устодони каломи бадеъ, монанди Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Ҷомӣ ва дигарон низ забони осори худро забони дарӣ номидаанд ва ба такмил ва ғанӣ гардониданӣ он кӯшидаанд; имрӯз яке аз ду забони расмии Давлати Исломии Афғонистон забони дарӣ номида мешавад.

**ДАРК** *а.* درک фаҳмиш, дарёфт; **дарки дониш** аз худ кардани дониш; **дарк кардан (намудан)** дарёфтан, фаҳмидан, сарфаҳм рафтан, донистан.

**ДАРКАРДАН** درکردن *кит.* даровардан, ҷой гирондан, дохил кардан.

**ДАРКАШИДАН** درکشیدن 1. якбора нӯшидан, бо як дам нӯшидан, тамоман нӯшидан, дам кашидан: **чойники чойро даркашидан**. 2. чизеро ба чизе кашидан ё пӯшонидан: **даркашидани пӯст ба доира ё нақора, даркашидани тӯр ба элак** *ва г.*; **сар аз итоат даркашидан** аз итоат сар тофтан, нофармонбардорӣ кардан.

**ДАРКОР** درکار 1. лозим, зарур; **даркору нодаркор** лозиму нолозим, бозарурату безарурат; бомавриду бемаврид. 2. *ҳамчун калимаи модалӣ баъд аз феъл (аорист) омада, ба он тобиши* эҳтимолият *ва* тахминиро *илова мекунад:* **ҳозир омадан даркор**.

**ДАРКОРӢ** درکاری 1. зарурӣ, лозима: **китоби даркорӣ, одами даркорӣ**. 2. чизи даркорӣ, чизи зарур ба коре, лавозимот; **ба қадри (дараҷаи) даркорӣ** ба қадри кифоя, ба дараҷаи кофӣ.

**ДАРКУШО** درکشا 1. бозкунандаи дар. 2. *маҷ.* мушкилкушо.

**ДАРКУШОДА** درکشاده ҷои дараш барои даробаро кушода, ҷои даробарояш бемалолу номаҳдуд, *муқоб.* **дарбаста**.

**ДАРКУШОӢ** درکشائی 1. боз кардани дари баста. 2. *маҷ.* мушкилкушоӣ, аз байн бурдани сахтиҳо.

**ДАРКӮБӢ** درکوبی *исми амал аз* **дар кӯфтан;** кӯфтани дар, тақ-тақи дар.

**ДАРКӮШИДАН** درکوشیدن кӯшидан, талош кардан, саъй кардан.

**ДАРКШАВАНДА** درکشونده *фалс.* қобили дарк, фаҳмидашаванда.

**ДАРКШАВАНДАГӢ** درکشوندگی *фалс.* қобили дарк, фаҳмидашаванда будан: **даркшавандагии қонунҳои табиат**.

**ДАРМАНА** درمنه *бот.* навъи гиёҳи худрӯй, ки аз он барои нест кардани кирми меъдаву рӯда ва табобати домана, безгак *ва г.*. дору тайёр мекунанд.

**ДАРМИЁН** درمیان он ки восита шуда, аз касе ба касе пул қарз гирифта медиҳад; миёнарав,

миёнҷӣ, восита: **дармиён шудан**.

**ДАРМИЁНӢ** درمیانی миёнаравӣ, воситачигӣ, миёнҷигӣ.

**ДАРМОН** درمان 1. дору, даво: **дорую дармон**; **дармон ёфтан** шифо ёфтан, сиҳат шудан. 2. *маҷ.* чора, илоҷ, тадбир. 3. *гуфт.* қувват, мадор, тобу тавон; **дармон (на) доштан** тобу тавон (на)доштан.

**ДАРМОНБАХШ** درمان‌بخش шифобахш.

**ДАРМОНГАР** درمانگر 1. он ки ё он чи ки ба бемориҳо дармону даво аст. 2. *маҷ.* мушкилкушо, бартарафкунандаи душвориҳову мушкилиҳо.

**ДАРМОНГАРӢ** درمان‌گری табобат, муолиҷа, амал ва кори дармонгар.

**ДАРМОНГОҲ** درمان‌گاه шифохона, табобатгоҳ.

**ДАРМОНГОҲӢ** درمان‌گاهی *марбут ба* **дармонгоҳ**.

**ДАРМОНДА** درمانده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **дармондан**. 2. *маҷ.* ноилоҷмонда; оҷиз, нотавон; мӯҳтоҷ, бечора фурӯмонда.

**ДАРМОНДАГӢ** درماندگی 1. *шакли сифати феълии замони гузашта аз* **дармондан**. 2. *маҷ.* ҳолати ба танг афтодагӣ, гирифторӣ ба ҳоли бад, ноилоҷӣ; оҷизӣ, нотавонӣ; мӯҳтоҷӣ, бечорагӣ.

**ДАРМОНДАН** درماندن 1. банд шудан, андармон шудани чизе ба чизе ё дар ҷое; гирифтор шудан: **дармондани мошин дар лой, дармондани моҳӣ дар тӯр**. 2. *маҷ.* ночор мондан, дар ҳолати ноилоҷӣ мондан. 3. *маҷ.* дар баёни матлабе ё додани ҷавоби муносибе оҷиз мондан, музтар шудан; **гап дар гулӯ дармондан,** якбора аз гап бозистодан.

**ДАРМОНӢ** درمانی *марбут ба* **дармон**; табобатӣ.

**ДАРМОННОПАЗИР** درمان‌ناپزیر давонопазир, бедаво, бедармон: **дарди дармоннопазир**.

**ДАРМОНОНДАН** درمانانندن 1. *тарзи бавоситаи* **дармондан**. 2. оҷиз кардан (*дар коре*); гирифтор кардан (*ба ҳоли бад*).

**ДАРМОНПАЗИР** درمان‌پذیر давопазир, муолиҷашаванда, шифоёбанда.

**ДАРНАВАРДИДАН** درنوردیدن *кит.* 1. печидан, лӯлапеч кардан (*когазро*); печонда мондан (*палосро*). 2. тай карда гузаштан (*роҳро*). 3. *маҷ.* ба сар бурдан, ба охир расидан; тамом кардан.

**ДАРНАВАШТАН** درنوشتن *ниг.* **дарнавардидан**.

**ДАРНАГИРАНДА** درنگیرنده носӯз, насӯзанда.

**ДАРНАМУДАН** درنمودن *кит.* зоҳир намудан, намудор кардан, нишон додан.

**ДАРНИГАРИСТАН** درنگرستن нигаристан, нигоҳ кардан, бо диққат нигоҳ кардан.

**ДАРНИҲОДАН** درنهادن ниҳодан, гузоштан.

**ДАРНИШАСТАН** درنشستن нишастан; фурӯ рафтан.

**ДАРНИШОНДАН** درنشاندن нишондан, шинондан.

**ДАРНОГИР** درناگیر носӯз, насӯзанда.

**ДАРНОГИРӢ** درناگیری насӯзандагӣ, носӯзӣ;

**даро** درا *асоси замони ҳозира ва сигаи амр аз* **даромадан**;

**ДАРО(Й)** درا(ی) *кит.* зангӯлаи шутур, ҷарас, занг.

**ДАРОБАРО** درابرا даромадану баромаданҳои зиёд; рафтуо, омадурафт: **даробаро доштан, даробаро кардан**.

**ДАРОВАРДАН** درآوردن 1. дохил кардан, дарун кардан, ворид сохтан, *муқоб.* **баровардан**; **ҷуфт даровардан** ҷуфтро ба замини кишт дохил кардан. 2. *ҳамчун феъли ёридиҳанда дар таркиби ибораҳои мухталиф омада, маъноҳои* овардан *ва* андохтанро *медиҳад*: **ба кор даровардан, ба ларза даровардан, ба роҳ даровардан, ба тартиб даровардан; аз по даровардан** афтондан, ғалтондан; **ба итоати худ даровардан** мутеъ кардан, тобеъ кунонидан; **сар даровардан** даромадан, дохил шудан (*хусусан бе иҷозат*).

**ДАРОВЕХТА** درآویخته *сифати феълии замони гузашта аз* **даровехтан**; овезоншуда; часпида; доругиркарда.

**ДАРОВЕХТАН** درآویختن бо даст часпидан ба касе ё чизе, доругир кардан.

**ДАРОГАНДА** درآگنده *сифати феълии замони гузашта аз* **дарогандан**; пур, анбошта, саршор.

**ДАРОГАНДАН** درآگندن *кит.* огандан, чизеро бо

чизе пур кардан, дарокандан.

**ДАРОДАРО** درادرا *гуфт.* назди даромадгоҳ, қарибии даромадгоҳ: **databaseдародарои деҳа**. 2. саршавӣ, оғоз, аввалҳо (*доир ба фасли сол, моҳ ва г.*): **дародарои зимистон**.

**ДАРОЗ** دراز 1. дорои тӯл ва ё баландии зиёд; тавил, *муқоб.* **кӯтоҳ: куртаи дароз, мӯи дароз, риши дароз, остини дароз**. 2. баланд: **қад(д)и дароз**. 3. қадбаланд, қоматбаланд, навча. 4. тӯлонӣ, давомнок, зиёд (*оид ба* вақт): **умри дароз**; **умри дароз дидан** солҳои зиёд зинда будан; **умри дароз хостан** *ба касе* дер зинда мондани касеро орзу кардан. 5. кашида, кашолёфта; маддор: **садоноки дароз, дароз талаффуз кардани овоз**, **ҳиҷо** *ва г.* 6. *маҷ.* тамом, пурра: **зимистони дароз, рӯзи дароз, соли дароз, шаби дароз**; **роҳи дароз** роҳи дур; **дуру дароз** а) фосилааш зиёд: **роҳи дуру дароз**; б) давомнок, бардавом, тӯлонӣ, кашолёфта, дарозмуддат; муддати зиёд: **бемории дуру дароз**, **дуру дароз сӯҳбат кардан, дуру дароз ба як нуқта нигоҳ карда мондан; дароз кардан** а) зиёд кардан (*мӯҳлатро*), тамдид кардан; б) кашол додан, тӯл кашондан (*гапро*); в) гирифта додан, чизеро ба касе додан; **дароз кашидан** а) тӯл кашидан, кашол ёфтан; б) ёзида хобидан; **дароз шудан** а) ба сӯи чизе ёзидан: **дароз шуда, китобро аз рӯи миз гирифтан;** б) давом кардан, кашол ёфтани коре; в) тӯл кашидан (*ба дарозӣ*), кашида шудан; **дасти ёрӣ дароз кардан** ёрӣ додан, мадад расондан; **нафаси дароз кашидан** нафаси чуқур кашидан, сандуқи синаро пур карда нафас гирифтан; **дарозро мону кӯтоҳро бур** (*зарб.*) дар мавриди ба ҷои гунаҳгор бегуноҳро ҷазо додан, кори нуқсондорро як сӯ монда, бенуқсонро бад гуфтан *ва г.* гуфта мешавад.

**ДАРОЗАК** درازک каме дароз, андаке кашолёфта (*ба тӯл*), дарозшакл.

**ДАРОЗБИНӢ** درازبینی *ниг.* **бинидароз**.

**ДАРОЗБОЛО** درازبالا *кит.* қоматбаланд, қаддароз, дарозқад.

**ДАРОЗГАПӢ** درازگپی гапу суханро дароз кардан, дарозгӯӣ.

**ДАРОЗГАРДАН** درازگردن *ниг.* **гардандароз**.

**ДАРОЗГӮӢ** درازگوئی матлаб ва мақсадро бо тафсил ва ҷузъиёташ баён кардан, дарозгапӣ.

**ДАРОЗГӮШ** درازگوش 1. дорои гӯши дароз. 2. *маҷ.* хар, маркаб. 3. *маҷ.* харгӯш.

**ДАРОЗДАСТ** درازدست 1. *ниг.* **дастдароз**. 2. *маҷ.* бодавлат, пулдор; тавоно, қодир.

**ДАРОЗДАСТА** درازدسته *ниг.* **дастадароз**.

**ДАРОЗДАСТӢ** درازدستی 1. тавоноӣ, қудрат. 2. зулм, тааддӣ (*дар ҳаққи касон*) дастдарозӣ; даст дароз кардан ба мол ё номуси дигарон.

**ДАРОЗДОМАН** درازدامن дорои домани дароз.

**ДАРОЗДУМ** درازدم *ниг.* **думдароз**.

**ДАРОЗӢ** درازی 1. дароз будан; *муқоб.* **кӯтоҳӣ**. 2. тӯл, қад: **ба дарозии як оршин**; **ба дарозии роҳ** қад-қади роҳ. 3. тӯлонӣ будан; бардавомӣ, дарозмуддатӣ: **дарозии умр, дарозии шаби ҳиҷрон**; **рӯзҳо ба ниҳояти дарозӣ расида буданд**.

**ДАРОЗКАШИДА** درازکشیده *сифати феълии замони гузашта аз* **дароз кашидан**; хобида, дар ҳолати дарозкашида, ҳолати хобида.

**ДАРОЗҚАД** درازقد дорои қади дароз, қоматбаланд; *муқоб.* **қаддароз**.

**ДАРОЗМАВҶ** درازموج бо мавҷҳои дароз, дар мавҷҳои электромагнитии дароз коркунанда: **пойгоҳи радиои дарозмавҷ**.

**ДАРОЗМИЛ** درازمیل аслиҳае, ки милаш дароз аст; *муқоб.* **милкӯтоҳ**.

**ДАРОЗМУДДАТ** درازمدت 1. дорои замон ва вақти тӯлонӣ; *муқоб.* **кӯтоҳмуддат**. 2. дарозмӯҳлат, тӯлонимуддат; **қарзи дарозмуддат** қарзе, ки мӯҳлати адои он тӯлонӣ аст, қарзи тӯлонимуддат; **созиши дарозмуддат** созиш дар бораи он чи мӯҳлати иҷрояш тӯлонӣ аст.

**ДАРОЗМӮ(Й)** (درازمو(ی он ки мӯи дароз дорад, мӯйдароз.

**ДАРОЗМӮҲЛАТ** درازمهلت *ниг.* **дарозмуддат**.

**ДАРОЗНАВИС** درازنویس 1. он ки матлаб ва мақсади худро бисёр ботафсил ва бо зикри ҷузъиёти беҳуда менависад. 2. *таър.* муншиён ва дабирону ҳисобдороне, ки матлаби ҳисобҳои худро дар коғазҳои дарози тӯмормонанд менавиштанд, тӯморнавис.

**ДАРОЗНАВИСӢ** درازنویسی 1. навиштани матлабу мақсад бо тафсили ҷузъиёти зиёдатӣ. 2. *таър.* тӯморнависӣ, амал ва кори дарознавис.

**ДАРОЗНАХ** درازنخ он чи дорои нахи дароз аст: **пахтаи дарознах**.

**ДАРОЗНО** درازنا *ниг.* **дарозо**.

**ДАРОЗНӮЛ** درازنول он чи нӯли дароз дорад, нӯлдароз

**ДАРОЗО** درازا *кит.* дарозӣ; **ба дарозо кашидан** тӯлонӣ шудан, тӯл кашидан.

**ДАРОЗОҲАНГ** درازآهنگ *кит.* дорои масофа ва тӯли зиёд; дорои замони тӯлонӣ.

**ДАРОЗПАНҶА** درازپنجه дорои панҷаи дароз, ангуштони дароз дошта: **дастони дарозпанҷа**.

**ДАРОЗПО(Й)** درازپا(ی) дорои поҳои дароз, подароз: **лаклаки дарозпо**.

**ДАРОЗПОЯ** درازپایه он чи пояҳои дароз дорад: мизи дарозпоя.

**ДАРОЗРИШ** درازریش *ниг.* **ришдароз**.

**ДАРОЗРӮ(Й)** درازرو(ی) он ки ё он чи дорои рӯи дароз аст, рӯйдароз.

**ДАРОЗРӮЯ** درازرویه дарозшакл, камбар, вале ба қад дароз: **мизи дарозрӯя**, **суфаи дарозрӯя**, **хонаи дарозрӯя**.

**ДАРОЗУМР** درازعمر 1. он ки умри зиёд мебинад. 2. бобақо, давомнок.

**ДАРОЗУМРӢ** درازعمری дарозии умр, зиёд умр дидан, дорои умри дароз.

**ДАРОЗШАКЛ** درازشکل дорои шакл ва намуди берунаи дароз.

**ДАРОЗШАКЛӢ** درازشکلی дарозшакл будан.

**ДАРОЗШИР** درازشیر муддати зиёд ширдиҳанда (*оид ба чорпои дӯшоӣ*).

**ДАРОЙ** درای *ниг.* **даро(й)**.

**даромад** درامد *асоси замони гузашта аз* **даромадан**.

**ДАРОМАД** درامد 1. пул ё чизе, ки ҳамчун маҳсули ягон фаъолият ба даст медарояд, дахл, воридот, оидот: **даромади асосӣ, даромади иловагӣ, даромади миллӣ, даромади холис; даромад кардан** пул ё чизе ба даст овардан (*дар натиҷаи фаъолият ё адои коре*). 2. аввал, оғоз: **даромади тобистон**. 3. *гуфт.* даромадгоҳ, ҷои дохилшавӣ ба маҳалле: **даромади шаҳр**, **даромади деҳа**; **дари даромад** дари вуруд; дарвоза; **даромад-баромад** даробаро, даромадан ва баромадан; **даромади сухан** муқаддима, пешгуфтор сарсухан; **аз дур даромад карда** аз ҳар ҷо гап зада, аз масъалаҳои дигар сар карда (*баъд ба сари матлаби асосӣ омадан*).

**ДАРОМАДА** درامده *сифати феълии замони гузашта аз* **даромадан**.

**ДАРОМАДАН** درامدن 1. ба дарун омадан, дохил шудан, ворид шудан: **ба хона даромадан, ба шаҳр даромадан, ба деҳа даромадан**. 2. қабул шудан, таъйин шудан (*ба ягон кор*): **ба хизмат даромадан**; **ба кор даромадан** а) қабул шудан ба коре, таъйин шудан ба ягон вазифа; б) кор кардан, ба амалиёти худ шурӯъ кардан (-и ягон дастгоҳ): **корхонаи чинисозӣ ба кор даромад**; **ба ҳизбе (созмоне) даромадан** *гуфт.* қабул шудан, узви созмоне шудан. 3. сар кардан, шурӯъ кардан; ба коре иқдом кардан; **даромади шаб** фаро расидани шаб, шаб шудан; **ба гап даромадан** гап сар кардан; **ба дард даромадан** ба дард сар кардани ягон узв, дард кардан; **ба тухм даромадан** ба тухм кардан шурӯъ кардан (-и мурғ); **ба ҳосил даромадан** ба ҳосил додан шурӯъ кардан, бор овардан (-и дарахт); **ақли** *касе* **даромадан** боақлу фаросат шудан, оқилу мефаҳмидагӣ шудани касе; **ба гапи** *касе* **даромадан** мувофиқи гуфтаи касе амал кардан; насиҳати касеро ба эътибор гирифтан; **ба гӯши** *касе* **надаромадани чизе** майли шунидани чизеро надоштани касе; **ба киса даромадан** моли касе шудан, ба дасти касе гузаштани пул; **ба мобайни (миёни)** *касе* **даромадан** а) дахолат кардан ба корҳои касе; б) восита шудан, миёнҷӣ шудан; **ба никоҳи** *касе* **даромадан** ба шавҳар расидан, бо касе издивоҷ кардани зане; **ба роҳ даромадан, қатора ба роҳ даромад**; **ба синни... даромадан** ба синни... расидан; **ба хоби** *касе* **даромадан** касеро дар хоб дидан, касеро хоб дидан; **ба қиёфаи** *касе* **даромадан** шаклу шамоили касеро ба худ гирифтан, худро ба намуди касе тағйир додан; **кайк даромадан ба либоси** *касе* бесаранҷом шудан, ба изтироб афтодани касе; **пеш даромадан** пеш гузаштан, ба пеш ҷой гирифтан,

сабқат гирифтан.

**ДАРОМАДГОҲ** درامدگاه ҷои даромад, вурудгоҳ, мадхал: **даромадгоҳи боғ, даромадгоҳи театр; даромадгоҳи шаҳр** дамгаҳи шаҳр, остонаи шаҳр; **даромадгоҳи қасида** *адш.* қисми аввали қасида; ташбиб.

**ДАРОМАДДИҲАНДА** درامددهنده даромаднок, манфиатовар, фоидадиҳанда.

**ДАРОМАДДИҲӢ** درامددهی судоварӣ, манфиатоварӣ, фоидадиҳӣ.

**ДАРОМАДНОК** درامدناک сердаромад, судовар, фоидаовар.

**ДАРОМАДНОКӢ** درامدناکی даромаднок будан, судоварӣ, манфиатнокӣ, коре, ки аз он фоидае ба даст меояд: **даромаднокии хоҷагӣ**.

**ДАРОМЕХТА** درآمیخته омехта, дарҳам омехта.

**ДАРОМЕХТАГӢ** درآمیختگی омехтагӣ, омехта будан.

**ДАРОМЕХТАН** *ниг.* درآمیختن *ниг.* **омехтан**; махлут шудан, махлут кардан.

**ДАРОМӮХТАН** درآموختن *ниг.* **омӯхтан**; таълим додан.

**ДАРОН(И)ДАН** درانیدن 1. *тарзи бевоситаи* **даридан;** пора кардан, чок кардан: **либосро дарондан, коғазро дарондан**. 2. *маҷ.* нобуд кардан; **пардаи** *касеро* **дарондан** *кинояи аз* сирри касеро фош карда шарманда намудан.

**ДАРОШУФТАН** درآشفتن ошуфтан, ба ғазаб омадан, ба ҳаяҷон омадан.

**ДАРОЯНДА** درآینده *сифати феълии замони ҳозира аз* **даромадан;** дохилшаванда, воридшаванда.

**ДАРПАЗИР** درپذیر *кит.* пазиранда, қабулкунанда.

**ДАРПАРДА** درپرده пардаи дар, парда.

**ДАРПЕЧИДАН** درپیچیدن *ниг.* **печидан**; **сар дарпечидан** *аз коре* сарпечӣ кардан, саркашӣ кардан аз коре.

**ДАРРА** I درّه *ниг.* **дара** I.

**ДАРРА** II *а.* درّه *таър.* тасмаи чармии махсус, ки бо он гунаҳгоронро мезаданд, тозиёна, қамчин, дурра.

**ДАРРАБУДАН** درربودن рабудан, кашида гирифтан; чизеро зӯран аз касе гирифта бурдан; ба тороҷ бурдан; **аз дасти** *касе* **чизеро даррабудан** чизеро аз дасти касе кашида гирифтан.

**ДАРРАВ** درو дарҳол, зуд, филфавр, фавран.

**ДАРРАДАСТ** درّه‌دست *таър.* он ки ҷазои бо дарра задани маҳкумшудагонро ба ҷо меовард.

**ДАРРАЗАН** درّه‌زن *ниг.* **даррадаст**.

**ДАРРАЗАНӢ** درّه‌زنی *исми амал аз* **дарра задан**.

**ДАРРАСИДАН** دررسیدن *тарзи бавоситаи феъли* **даррасидан**; расидан, фаро расидан.

**ДАРРАСОНДАН** دررساندن *тарзи бавоситаи феъли* **даррасидан**; расондан, бурда расондан.

**ДАРРАФТАН** دررفتن 1. даромадан, дохил шудан. 2. фурӯ рафтан, ғӯтидан. 3. баромадан, берун шудан. 4. расидан, гӯшрас шудан.

**ДАРРОК** *а.* درّاک *кит.* бисёр дарккунанда; зудфаҳм, хушфаҳм, зирак.

**ДАРС** *а.* درس 1. машғулияте, ки ҳамчун шакли асосии ташкили кори таълиму тарбияи мактабӣ аз тарафи омӯзгор дар синф бо хонандагон аз рӯи ҷадвали дарсҳо гузаронида мешавад: **дарси аввалин, дарси адабиёт, дарси забони модарӣ, ба дарс ҳозир шудан**. 2. он чи муаллим аз рӯи барнома ва китоби муайян ба шогирдон меомӯзонад, сабақ; қисме аз китоби дарсӣ, ки барои омӯхтан дар як ё чанд машғулият дар назар дошта шудааст; **дарс гирифтан** ба таври хусусӣ сабақ гирифтан аз касе; **дарс додан // дарс гуфтан** таълим додан, илму дониш омӯзондан; **дарс хондан** таълим гирифтан, илму дониш омӯхтан; таҳсил кардан; **аз дарс қафо мондан** а) ба машғулият дер омадан; б) *кинояи аз* дарсро аз худ карда натавонистан, ғайри қаноатбахш таҳсил кардан. 3. *гуфт.* супориш, вазифае, ки барои хондан ё азёд кардан ба талаба дода мешавад: **дарс (ро) тайёр кардан, дарсро аз ёд кардан**. 4. *маҷ.* кору кирдоре, ки аз он барои оянда хулоса мебароранд, ибрат; **дарси ибрат** намунаи ибрат шаванда; **дарс шудан** сабақ шудан (*барои минбаъд такрор накардани коре*).

**ДАРСГОҲ** درسگاه ҷои дарсхонӣ; мактаб; мадраса.

**ДАРСГУЗАРОНӢ** درس‌گذرانی *ниг.* **дарсгӯӣ**.

**ДАРСГӮӢ** درس‌گویی *исми амал аз* **дарс гуфтан;** муаллимӣ, мударрисӣ: **дарсгӯӣ кардан**.

**ДАРСГӮЙ** درس‌گوی он ки дарс медиҳад, муаллим, омӯзгор; мударрис (*бештар дар мадрасаҳо*).

**ДАРСДИҲӢ** درس‌دهی *исми амал аз* **дарс додан**; таълимдиҳӣ, муаллимӣ, омӯзгорӣ.

**ДАРСӢ** درسی *мансуб ба* **дарс**: **китоби дарсӣ**.

**ДАРСОАТ** درساعت ҳозир, ҳамин дам, фавран, зуд.

**ДАРСОЗ** درساز дуредгаре, ки дару дарвоза месозад: **дуредгари дарсоз, устои дарсоз**.

**ДАРСОМӮЗ** درس‌آموز 1. омӯзанда, таълимгиранда, талаба. 2. таълимдиҳанда, муаллим, омӯзгор.

**ДАРСОМӮЗӢ** درس‌آموزی 1. дарс омӯхтан; таълимгирӣ, таҳсил, хониш. 2. таълимдиҳӣ, омӯзгорӣ, муаллимӣ; дарсдиҳӣ.

**ДАРСОХТАН** درساختن 1. созиш кардан, мувофиқат кардан, муросо кардан. 2. соз кардан, ҷӯр кардан, ҳамоҳанг шудан (*дар мусиқӣ ва суруд*).

**ДАРСФАҲМӢ** درس‌فهمی аз худ кардани дарсҳо, фаҳмида гирифтани мавзӯи дарсҳо.

**ДАРСХОН** درس‌خوان мактабхон, хонанда, талаба.

**ДАРСХОНА** درس‌خانه бино ё хонаи гузаронидани дарсҳо; мактаб; мадраса.

**ДАРСХОНӢ** درس‌خوانی *исми амал аз* **дарс хондан**; таҳсил, хониш.

**ДАРТОЗ** درتاز тозон, шитобон, бошитоб, зуд.

**ДАРУН** درون 1. дохил, андарун; *муқоб.* **берун**: **даруни хона, даруни сандуқ**. 2. *маҷ.* ботин, замир, дил; **даруни гӯш** сӯрохии гӯш; **даруни сина** дар дил; **ҳавлии дарун** а) қисми дохилии ҳавлӣ; б) *кҳн.* қисми маҳрами ҳавлӣ, ки ба он ҷо даромадани мардони бегона манъ буд; *муқоб.* **ҳавлии берун; дарун ба дарун** яке дар дохили дигаре; **дарун-дарун** дарунакӣ, ботинан; пинҳонӣ: **дарун-дарун сӯхтан, дарун-дарун хандидан, дарун-дарун гиря кардан**; **аз дарун** а) аз дохил (*мас.,* **дарро аз дарун бастан**); б) *кинояаз* ботинан, дарунакӣ; **аз даруни…** а) аз байни…, аз миёни…; б) аз қатори…, аз доираи…; **ба даруни…** а) ба дохили…, андаруни…; б) дар байни…, дар миёни…, дар қабати…; **дарун рафтан** а) фурӯ рафтан, (ба) таҳ рафтан, чуқур шудан, ба қаър кашидан (*мас., чашм*); б) *гуфт.* ба дарди исҳол дучор шудан, дарунрав шудан; ◊ **даруни** *касе* **сӯхтан** дили касе абгор шудан, дар ғаму ғусса сӯхтан; **даруни** *касе* **хор-хор кардан** дили касе реш-реш шудан (*дар орзуи чизе*); **даруни худро хӯрдан** азоби рӯҳӣ кашидан, ғам хӯрдан; **дамаш дар дарунаш** хомӯш, сокит; **нафас ба дарун афтодан** а) нафас гаштан, дам ба дарун задан; б) якбора хомӯш шудан; тамоман сокит шудан.

**ДАРУНА** درونه *кит.* 1. олати камоншакл; абзори ҳаллоҷӣ, камони наддофӣ. 2. тирукамон, рангинкамон, тироза, қавси қузаҳ. 3. *гуфт., ниг.* **дарунӣ**.

**ДАРУНАКӢ** درونکی *ниг.* **даруннокӣ**; **дарунакӣ оҳ кашидан, дарунакӣ хурсанд шудан**.

**ДАРУНАФРӮЗ** درون‌افروز дилафрӯз, фараҳбахш.

**ДАРУНАҶ** درونج (*муарраб аз форсии* **дарунак, даруна**) *бот.* гиёҳи чандсолаи дорои баргҳои паҳни хордор, ки решаи он дар тиб мавриди истифода аст.

**ДАРУНБАР** درونبر бахши гӯштии мева, ки даври донакро печонидааст.

**ДАРУНБИН** درونبین *кит.* он ки бештар ба дарун ва ботини инсон таваҷҷӯҳ дорад.

**ДАРУНБИНӢ** درونبینی таваҷҷӯҳ доштан ба дарун ва ботини инсон.

**ДАРУНГАРО** درون‌گرا *нав.* хусусияти шахсе, ки бештар ба дарун ва ботини хеш гароиш дошта, аз робитаҳои иҷтимоӣ дурӣ меҷӯяд; *муқоб.* **бурунгаро**.

**ДАРУНГАРОӢ** درون‌گرایی *нав.* дарунгаро будан, ба дарун ва ботини худ гароиш доштан ва аз ҷомеа дурӣ ҷустан.

**ДАРУНДОР** دروندار 1. *маҷ.* дамдузд; камгап. 2. *маҷ.* кинадор; бадкина; дилсиёҳ.

**ДАРУНЗО** درونزا 1. вежагии чизе, ки дорои тавоноии зотӣ ва рушду такомули дарунӣ дорад. 2. *биол.* вежагии ҷонзоде, ки аз даруни бадани худ нашъа гирифта, бе ғизогирии беруна такомул меёбад.

**ДАРУНӢ** درونی 1. *мансуб ба* **дарун**; дохилӣ, *муқоб.* **берунӣ**. 2. ботинӣ, рӯҳӣ: **ҳолати дарунӣ, ҳаяҷони дарунӣ; душмани дарунӣ** душмани аз байни худ баромада, душмани дохилӣ; **касалиҳои дарунӣ** бемориҳои дохили бадан.

**ДАРУНКОВОК** درونکاواک байнхолӣ, миёнсӯрох, миёнтиҳӣ: **найчаи дарункавок, дарахти дарункавок**.

**ДАРУНМАРЗӢ** درونمرزی *нав. марбут ба* дохили кишвар; *муқоб.* **бурунмарзӣ**.

**ДАРУНМОЯ** درونمایه мазмун ва моҳияти аслии асар ё чизи дигар.

**ДАРУННИГАРӢ** دروننگری *ниг.* **дарунбинӣ**.

**ДАРУННИГОРӢ** دروننگاری *тиб., нав.* ба воситаи абзори тиббӣ *ва г.* муоина кардани узвҳои дохилии бадан.

**ДАРУННОКӢ** دروناکی *гуфт.* ботинан, дар дил, дар замир; **дарунноки хандидан, дарунноки хурсанд шудан, дарунноки ғам хӯрдан**.

**ДАРУНПАРВАР** درونپرور 1. *маҷ.* он ки бештар дарун ва ботини худро парвариш медиҳад. 2. Худованд, ки парваришдиҳандаи ботини инсонҳост.

**ДАРУНРАВ** درونرو гирифтори бемории исҳол: **дарунрав шудан**.

**ДАРУНРАВӢ** درونروی *исми амал аз* **дарун рафтан;** бемории исҳол; вайрон шудани фаъолияти меъда.

**ДАРУНРОНӢ** درونرانی тоза кардани меъда (*дар вақти вайрон шудан ё қабзият*); **доруи дарунронӣ** доруи нармкунандаи меъда.

**ДАРУНСИЁҲ** درونسیاه бадандеш, бадтинат, дилсиёҳ; бадкина.

**ДАРУНСОФ** درونصاف софдил, росткор.

**ДАРУНСӮЗ** درونسوز **:муҳаррики дарунсӯз** *тех.* муҳаррике, бо усули дар дохили он сӯзондани сӯзишворӣ кор мекунад.

**ДАРУНСӮЗӢ** درونسوزی 1. ҳисси сӯзиши дарун; таби дарун. 2. *маҷ.* ботинан ғаму ғусса хӯрдан; азоби рӯҳӣ.

**ДАРУНСӮХТА** درونسوخته *кит.* дилафгор, ғамзада, дилсӯхта.

**ДАРУНТИҲӢ** درونتهی *ниг.* **дарунхолӣ**.

**ДАРУНХОЛӢ** درونخالی *ниг.* **дарункововк**.

**ДАРУНШАҲРӢ** درونشهری дохилишаҳрӣ; *муқоб.* **берунишаҳрӣ**.

**ДАРУФТОДАН** درافتادن *ниг.* **дарафтодан**.

**ДАРФАНҶАК** درفنجک *кит.* кобус, сиёҳӣ зер кардан дар хоб, дар хоб дидани ҳодисаҳои мудҳиш.

**ДАРФИТОДАН** درفتادن *ниг.* **дарафтодан**.

**ДАРФУЗУДАН** درفزودن *ниг.* **дарафзудан**.

**ДАРХАЗИДАН** درخزیدن *кит.* хазида даромадан ба ҷое; паноҳ шудан, руст шудан.

**ДАРХЕСТАН** درخیستن *ниг.* **дархостан II**.

**ДАРХИРОМИДАН** درخرامیدن хиромон даромадан.

**ДАРХОСТ** درخواست 1. хоҳиш, талаб, илтимос, **дархост кардан // дархост намудан** талаб кардан, хоҳиш кардан. 2. *нав.* хоҳиши хаттӣ бо тақозои чизе, номаи расмӣ бо талаби чизе.

**ДАРХОСТАН** I درخواستن *ниг.* **хостан (хоҳиш кардан)**.

**ДАРХОСТАН** II درخواستن *кит.* хестан, бархестан.

**ДАРХОСТКУНАНДА** درخواستکننده он ки дархост ба амал меорад.

**ДАРХУР//ДАРХӮР** درخور *кит.* лоиқ, шоиста, сазовор, муносиб.

**ДАРХӮРД** درخورد *ниг.* **дархур**.

**ДАРХӮРДАН** درخوردن лоиқу муносиб будан, дархур будан.

**ДАРҲАМ** درهم 1. ба ҳам печида, печутобхӯрда, ба ҳам омехта. 2. ошуфта, парешон. 3. *маҷ.* чигил, печдарпеч, бесару нӯг; **дарҳаму барҳам** а) чигил, печдарпеч; бесару нӯг; муғлақ, мубҳам: **фикрҳояш дарҳаму барҳам буданд; дарҳам-барҳамӣ** а) чигилӣ, бесарунӯгӣ, печдарпечӣ; муғлақӣ, мубҳамӣ; б) бетартибӣ, ҳарҷу марҷ; **дарҳам кардан** омехтан, махлут кардан; ◊ **абрӯ дарҳам кашидан** қавоқро овезон кардан; рӯй турш кардан (*ҳамчун аломати норизоятӣ, хашму ғазаб ва г.*); **китф дарҳам кашидан** китфро ба тарзи хос боло кардану афшурдан (*ҳамчун алома-*

*ти ҳайронӣ ё надонистани чизе*).

**ДАРҲАМЗАДА** درهم‌زده 1. пурпечутоб, дарҳам-рехта. 2. *маҷ.* пур аз душвориву мушкилот.

**ДАРҲАМӢ** درهمی 1. печидагӣ, мураккабӣ, бесомонӣ. 2. *маҷ.* ғам, андӯҳ.

**ДАРҲАМКАШИДА** درهم‌کشیده **:абрувони дарҳамкашида** қавоқи овезон, абрӯвони пурчин: гирифтагии хотир, бедимоғӣ.

**ДАРҲАМОМЕЗА** درهم‌آمیزه *кит.* бо ҳам омехташуда, ба ҳам пайваста.

**ДАРҲАМОМЕЗӢ** درهم‌آمیزی омехтани чанд чиз бо ҳамдигар.

**ДАРҲАМОМЕХТА** درهم‌آمیخته *сифати феълии замони гузашта аз* **дарҳам омехтан**; омехта, бо ҳам печида, мухталит.

**ДАРҲАМОМЕХТАГӢ** درهم‌آمیختگی *шакли дигари сифати феълии замони гузаштаи* **дарҳамомехта**; омехтагӣ, печидагӣ, мухталит будан.

**ДАРҲАМПЕЧИДА** درهم‌پیچیده печдарпеч, ба ҳамдигар печидарафта: **навдаю шохҳои дарҳампечидаи дарахтон**.

**ДАРҲАМРАФТА** درهم‌رفته *сифати феълии замони гузашта аз* **дарҳам рехтан**; дарҳампечида, бо ҳамдигар фурӯрафта.

**ДАРҲАМРЕХТА** درهم‌ریخته *сифати феълии замони гузашта аз* **дарҳам рехтан**; ошуфта, бетартиб, парешон.

**ДАРҲАМШИКАСТА** درهم‌شکسته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **дарҳам шикастан;** шикаста, хароб. 2. *маҷ.* нотавон, зор, залил, шикастаҳол.

**ДАРҲАМШИКАСТАГӢ** درهم‌شکستگی *шакли дигари сифати феълии замони гузаштаи* **дарҳамшикаста**; шикаста будан, харобу нотавон будан; шикастагӣ, нотавонӣ.

**ДАРҲОЛ** درحال зуд, бетаъхир, ба тезӣ, дарров, фавран: **дарҳол дошта гирифтан**, **дарҳол фаҳмидан**, **дарҳол ҷавоб додан**.

**ДАРЧА** درچه дари хурд, дарича.

**ДАРЧИДАН** درچیدن барчидан, ғундоштан; ◊ **доман дарчидан** аз чизе даст кашидан чизеро тарк кардан.

**ДАРҶ** *а.* درج 1. дохил кардан, ҷойгир кардан. 2. *гуфт.* чоп, нашр: **пас аз дарҷи мақола; дарҷ кардан** а) ҷо додан, дохил кардан, ғунҷондан, ҷойгир кардан, сабт кардан, навиштани матлабе дар рӯзнома ё китоб; б) *гуфт.* чоп кардан, нашр намудан; **дарҷ шудан // дарҷ ёфтан** ҷо дода шудани матлабе дар асаре; чоп шудан.

**ДАРҶШУДА** درج‌شده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **дарҷ шудан**; ҷой додашуда, даровардашуда, дохилшуда. 2. *гуфт.* чопшуда, нашршуда.

**ДАРШИКАСТАН** درشکستن *кит.* 1. зада шикастан, шикаста аз кор баровардан. 2. вайрон кардан, хароб кардан; нобуд кардан.

**ДАРШУДАН** درشدن *кит.* 1. даромадан, дохил шудан, ворид шудан. 2. баромадан; берун омадан.

**ДАРЮЗА** دریوزه *кит.* 1. гадоӣ, садақаталабӣ, соилӣ. 2. гадо, соил.

**ДАРЮЗАГАР** دریوزه‌گر *кит.* гадо, соил.

**ДАСИСА** *а.* دسیسه макру ҳилаи пинҳонӣ, фиребу найранг; фитна.

**ДАСИСАБОЗ** دسیسه‌باز он ки барои ба даст овардани мақсад аз дасисаву найранг истифода мебарад; найрангбоз, фитнагар, маккор, ҳилагар, ҳуққабоз.

**ДАСИСАБОЗӢ** دسیسه‌بازی ба кор бурдани дасиса ва ҳилаву найранг барои амалӣ кардани мақсаду ниятҳои хеш; найрангбозӣ, ҳилагарӣ, маккорӣ, ҳуққабозӣ, фитнагарӣ.

**ДАСИСАКОР** دسیسه‌کار *ниг.* **дасисабоз**.

**ДАСИСАКОРӢ** دسیسه‌کاری *ниг.* **дасисабозӣ**.

**ДАСИСАКОРОНА** دسیسه‌کارانه аз рӯи дасисаву фитна, бо ҳилаву найранг.

**ДАСТ** دست 1. узви бадани инсон аз шона то нӯги ангуштон; каф ва панҷаи даст, яд. 2. *маҷ.* ҷавр, бедод, тааддӣ: **аз дасти замона**. 3. сӯй, тараф, ҷониб: **дасти рост, дасти чап**. 4. дафъа, карат, бор; навбат (*дар қиморбозӣ*). 5. *нум.* маҷмӯи чизҳои якҷинса, ки барои ягон эҳтиёҷ ба кор меравад; **як даст либос** як сару по либос (*аз каллапӯш то пойафзол*); ◊ **дасти кӯтоҳ** кӯтоҳдастӣ, нотавонӣ, оҷизӣ; **ба зери дасти...** а) дар тобеияти..., дар итоати...; б)

бо роҳбарии…; **даст афшондан** рад кардан (*бо ишораи даст*); аз баҳри чизе гузаштан, сарфи назар кардан; ба эътибор нагирифтан; **даст бардоштан аз** *касе ё чизе* ба ҳоли худ мондан касеро ё чизеро, ба касе кордор нашудан; *муқ.* **даст кашидан**; **даст бардоштан ба сари** *касе* даст боло кардан ба сари касе бо нияти задан; касеро задан; **даст бурдан ба коре** шурӯъ кардан ба коре; машғул шудан ба коре; **даст гирифтан** а) *киноя аз* дастгир кардан, гирифтор кардан; б) ёрӣ расондан, мадад кардан ба касе; **даст дароз кардан (намудан)** а) даст ёзондан, дастро пеш бурдан; даст додан ба касе; б) даст расондан, даст задан (*бо мақсади хӯрдан*); **даст дароз кардан** *ба касе* зӯрӣ кардан; ҷабр кардан; таарруз (таҷовуз) кардан ба касе; **даст додан ба** *касе* а) вохӯрдӣ кардан, ба аломати ризоият дасти якдигарро фишурдан; б) бо пайдо шудани имконият ба чизе муяссар шудан; **агар фурсат даст диҳад** агар вақти мусоиди коре пайдо шавад, агар фурсат барои иҷрои коре фароҳам ояд; **даст доштани** *касе дар коре* а) маҳорат доштан дар коре, аз кору касбе огоҳ будан; б) дахолат доштани касе дар коре; **даст ёфтан ба** *касе ё чизе* а) ба даст даровардан касе ё чизеро; б) зафар ёфтан, ғолиб омадан бар касе ё чизе: тасаллут ёфтан; **даст задан** а) даст расондан ба чизе; б) машғул шудан бо коре; аз пайи коре шудан; **даст кашидан** а) тарк кардан, рӯй гардонидан аз чизе, худро боздоштан аз коре; б) касеро ба ҳоли худ мондан, ба касе кордор нашудан; **даст кофтан** а) даст расондан, даст задан; б) кордор шудан, мудохила кардан (*ба кори касе*); **даст мондан** имзо кардан; **даст расидан** вақт доштан, фурсат ёфтан барои иҷрои коре: **ба сар хоридан ҳам даст намерасад; дасти бегона ба миён даромадан** дахолат кардани шахси бегона ба кори касе, ниҳонӣ халал расонидани шахсе ба коре; **дасти ёрӣ додан (дароз кардан)** ба имдоди касе омадан, ёрӣ расондан ба касе; **дасти** *касе* **сабук будан** корҳои мекардагии касе ҳамеша ба хайр анҷомидан; устои касби худ будан, дар касби худ маҳорат доштан; **дасти** *касе* **қалб будан** а) одати дуздӣ доштан; б) қаллоб, ҳаромкор будани касе; **дасти тамаъ дароз кардан** тамаъкорӣ кардан, аз рӯи ҳирсу оз муносибат кардан бо касе; **дасту дил шустан** дилхунук шудан аз чизе ё касе, майлу рағбат ё меҳру дилбастагиро гум кардан нисбат ба чизе ё касе; **дасту по гум кардан** чӣ кор карданро надониста мондан, саросема шудан, инони ихтиёрро аз даст додан, худро гум кардан (*аз гояти хиҷолат, шодӣ, ҳаяҷон ва г.*); **даст-даст карда…** даст расонда, даст зада, палмосида, ламс карда; **даст ба даст карда…** дастҷамъона, якҷоя, аҳлона (*иҷро кардани коре*); **даст ба гиребон шудан** бо ҳам дарафтодан; ҷанҷолу мунокиша кардан; **даст ба хок кардан** қазои ҳоҷат кардан; **аз даст додан** гум кардан, маҳрум шудан аз чизе; **аз даст омадан** аз ӯҳдаи иҷрои коре баромадан; имконият доштан, тавонистан; **аз даст рафтан** аз тасарруфу ихтиёри касе баромадани чизе; маҳрум гардидан аз чизе; **ба даст афтидан (афтодан)** а) ба даст даромадан, ба тасарруфи касе даромадан, дастраси касе шудани чизе; б) дар аснои иҷрои коре ё ҷинояте дастгир шудан; **ба даст гирифтан** ба тасарруфи худ даровардан; ба итоати худ даровардан; **ба даст даровардан (овардан)** ба тасарруфи худ даровардан, соҳиб шудан; **ба даст даромадан (омадан)** ба тасарруфи касе даромадан, ба ихтиёри касе даромадан; **ба дасти** *касе* **нигоҳ карда мондан** мӯҳтоҷи касе шудан (*хусусан дар таъминот*); **ба дасти** *касе* **супурдан** ба ихтиёри касе супурдан, ба касе гузоштан чизеро; **дар дасти** *касе* **калон шудан** дар тарбия ва парастории касе ба воя расидан; **худро (ба) даст гирифтан** ба худ тасаллут ёфтан, худдорӣ кардан, худро нигоҳ доштан (*аз хашму газаб, гиря ва г.*).

**ДАСТА** دسته 1. он қисми абзору асбобу анҷом, ки бо даст гирифта мешавад: **дастаи дос, дастаи каланд, дастаи корд, дастаи кӯза, дастаи теша, дастаи чойник, дастаи қамчин**. 2. бастаи гулу райҳон, гулдаста; як қабза хор, шибоғ, химча *ва г.* ки якҷоя баста шудааст; дарза барои пилла танидани кирмак; **даста бастан** як миқдор гулро якҷоя карда банд бастан, гулдаста тайёр кардан. 3. миқдори нисбатан зиёди чизҳои якҷинса, ки дар як ҷо меистанд ё якҷоя карда шудаанд; қабза, тӯб: **як даста китоб, як даста коғаз; як даста мӯ** як қабза мӯ. 4. маҷмӯи чизҳои якҷинса; *муқ.* **даст** 5. 5. гурӯҳ, тӯда, ҷамоати мардум; қисм: **даста(ҳо)и аскарӣ, дастаи посбонон, дастаи сарбозони пиёда, дастаи созандагону навозандагон, дастаи мусиқии миллӣ; дастаи ихтиёриён** гурӯҳе, ки аъзои он барои иҷрои ко-

ре ихтиёран ҷамъ омадаанд; **дастаи ҳаваскорон** гурӯҳи аъзои маҳфили ҳаваскорони санъати бадеӣ; **даста-даста** а) бастаҳои зиёд; тӯб-тӯб; б) гурӯҳ-гурӯҳ; **даста кардан** а) *ниг.* **даста бастан**; б) дар як ҷо ҷамъ кардан, як қабза кардан; в) ба тартиб ва миқдори муайян печида таҳ кардан (*мас. пулҳои коғазиро*).

**ДАСТАБАНДӢ** دسته‌بندی 1. *исми амал аз* **даста бастан**; ба дастаҳо ҷудо кардан.

**ДАСТАБИРИНҶӢ** دسته‌برنجی 1. ҳар чизи дастааш аз биринҷӣ сохташуда. 2. *маҷ.* сахт, дағал; **дашноми дастабиринҷӣ** дашноми хеле дағал ва қабеҳ.

**ДАСТАВВАЛ** دستاول пеш аз ҳама, аз ҳама пештар, аввалан.

**ДАСТАГУЛ** دسته‌گل гулдаста, бастаи гул.

**ДАСТАДАРОЗ** دسته‌دراز он чи дастааш дароз аст, дорои дастаи дароз: **бели дастадароз, доси дастадароз**.

**ДАСТАК** دستک 1. *шакли тасғири* **даст**. 2. дастгирак: **дастаки гаҳвора, дастаки дар, дастаки дастгоҳ**. 3. танба барои аз афтодан нигоҳ доштани девору хавоза *ва г.* 4. *маҷ.* далеле, ки ба он такя карда, кореро иҷро мекунанд ё онро ба сифати асос ва баҳона нишон медиҳанд: *касеро ё чизеро* **дастак кардан (намудан), дастак шудани** *касе* **ба** *чизе*. 5. қисми ақиби пойафзол, ки пошнаи поро мепӯшонад. 6. *таър.* рӯйхати номгӯи андозҳои подшоҳ, ки ба коғази дароз навишта, онро лӯлашакл печонда мемондаанд. 7. дастпӯш.

**ДАСТАКДОР** دستکدار *ниг.* **дастадор**.

**ДАСТАКДӮЗӢ** دستکدوزی дӯхта тайёр кардани дастаки пойафзол.

**ДАСТАКЗАН** دستکزن кафзан, он ки каф мезанад, қарсакзан.

**ДАСТАКЗАНОН** دستکزنان *феъли ҳол аз* **дастак задан**; дар ҳоли каф задан, дар ҳоли қарсак задан.

**ДАСТАКИФУРӮШ** دستکی‌فروش он ки чизҳои майда-чуйдаро ба қуттӣ ё чизи дигар андохта, роҳравон фурӯхта мегардад.

**ДАСТАКИФУРӮШӢ** دستکی‌فروشی кору касби дастакифурӯш, фурӯши дастакӣ.

**ДАСТАКӢ** دستکی *гуфт., ниг.* **дастӣ**; **фурӯши дастакӣ** ба сари даст гирифта гашта фурӯхтани чизҳо, дастакифурӯшӣ: **қандфурӯшии дастакӣ, дастакӣ китобфурӯшӣ кардан**.

**ДАСТАКӮТОҲ** دسته‌کوتاه он чи дастааш кӯтоҳ аст, дорои дастаи кӯтоҳ: **доси дастакӯтоҳ, корди дастакӯтоҳ**.

**ДАСТАНБӮ(Й)** دستنبو(ی) 1. навъи зомучае (ҳандалаке), ки ба андозаи себ буда, фақат барои бӯидан ба кор меравад. 2. ҳар чизи хушбӯй, ки барои бӯидан дар даст гирифта мегарданд.

**ДАСТАНБӮЯ** دستنبویه *ниг.* **дастанбӯ(й)**.

**ДАСТАНДОЗ** دستانداز *кит., маҷ.* ғорат, тороҷ.

**ДАСТАНДОЗӢ** دستاندازی 1. даст задан, чанг задан ба чизе. 2. *маҷ.* тааддӣ, тааррузу, дастдарозӣ. 3. *кит., маҷ.* ғоратгарӣ, тороҷ.

**ДАСТАНУҚРА** دسته‌نقره он чи дастааш аз нуқра аст, дастааш нуқрагин.

**ДАСТАРРА** دستارّه арраи хурд, ки як кас бо як даст кор мефармояд, арраи дастӣ.

**ДЕГ** دیگ зарфи филизӣ, ки дар он асосан таом мепазанд: **деги мис**; **деги манту, деги чӯян, деги якманӣ; деги буғ** *тех.* дег барои ҳосил кардани буғ ва оби гарм; **дегу табақ** а) асбобу анҷоми ошпазхона (*аз қабили* дег, табақ, коса, кафлес *ва г.*) зарфҳо, чизу чораи таомпазӣ ва хӯроккхӯрӣ; б) *маҷ.* корҳои оид ба пухтупаз, таомпазӣ; **дег рехтан** сохтани дег ба тарзи рехтагарӣ (*мас., аз чӯян*); **деги** *касе* **ҷӯшидан** (аз паси чизе) аз ҳисоби чизе ё касе рӯз гузаронидан; **аз деги** *касе* **равғанӣ шудани нони** *касе* аз ҳисоби касе хуш гузаштани рӯзи касе; **ба деги ғазаби** *касе* **оби сард рехтан** хашму ғазаби касеро фурӯ нишондан; **бо** *касе* **як будани дегу табақи** *касе* як будани рӯзгори ду оила, якҷоя зиндагонӣ доштани оилае бо оилаи дигар, ҳамхарҷ будан; **деги ғайбат дар ҷӯш будан** ғайбат авҷ гирифтан; **он чи дар дег аст, ба кафлес меояд** (*зарб.*) агар дар бисот бошад, ба рӯй мебарояд.

**ДЕГАЗАТСИЯ** *лот.* دیگزتسیه *ҳ.* тоза кардани ҷое аз моддаҳои заҳрнок, дур кардани моддаҳои заҳрнок аз яроқу аслиҳа, аз бадан ва сару либос (*бо шустушӯ ва г.*), газзудоӣ.

**ДЕГГАРДИШ** دیگ‌گردش *ниг.* **дегмонак**.

**ДЕГГИРАК** دیگ‌گیرک порчаи махсус ё дастпӯш барои гирумони дег.

**ДЕГДОН** دیگدان 1. *ниг.* **оташдон**. 2. *ниг.* **дегмонак**.

**ДЕГӢ** دیگی 1. *мансуб ба* **дег**. 2. ҳар чизи дар дег пухташуда: **нони дегӣ, самбӯсаи дегӣ**.

**ДЕГЛЕС** دیگلیس 1. он ки дег мелесад. 2. *маҷ.* чоплус, хушомадгӯ, косалес.

**ДЕГЛЕСӢ** دیگلیسی 1. бо ангуштон лесида пок кардани дег баъд аз гирифтани ғизои он. 2. *маҷ.* чоплӯсӣ, хушомадгӯӣ, косалесӣ, лаганбардорӣ.

**ДЕГМОНАК** دیگمانک чизи мудаввар ё секунҷае, ки дегро аз оташдон гирифта болои он мегузоранд (то ки қоим истад) саллаи дег, дегпоя.

**ДЕГПОЯ** دیگپایه 1. *ниг.* **дегмонак**. 2. Айюқ, пурнуртарин ситорае дар бурҷи фалакии Мумсикулинон дар нимкураи шимолии осмон.

**ДЕГПӮШАК** دیگپوشک 1. сарпӯши дег. 2. порчае, ки вақти дам карда пухтани чизе аз болои сарпӯши дег мепӯшанд.

**ДЕГРЕЗ** دیگ‌ریز рехтагаре, ки дег месозад, устои дегсоз.

**ДЕГРЕЗӢ** دیگ‌ریزی *исми амал аз* **дег рехтан;** сохтани дег ба тарзи рехтагарӣ, дегсозӣ, касбу кори дегрез: **корхонаи дегрезӣ, дегрезӣ кардан**.

**ДЕГСАЛЛА** دیگ سلّه *ниг.* **дегмонак**.

**ДЕГХОНА** دیگخانه хонае, ки дар он деги буғ шинонда шудааст (*бештар барои аз як марказ бо бухор гарм кардани хонаҳо*).

**ДЕГЧА** دیگچه деги хурд.

**ДЕГҶӮШ** دیگجوش *ниг.* **дам (-и гарм)**; **дегҷӯши ҳаррӯза** дами гарми ҳаррӯза; ғизои ҳаррӯза; **дегҷӯш кардан** дами гарм пухтан, таоми одии обдор тайёр кардан.

**ДЕГШАКЛ** دیگشکل монанди дег, дегмонанд.

**ДЕГШӮ** دیگشو 1. оби чиркине, ки бо он дег шуста шудааст, чарғундӣ, юндӣ. 2. дег шустан, шуста тоза кардани деги чиркин: **дастмоли дегшӯ**.

**ДЕГШӮЙ** دیگشوی дастмоли хурди махсус барои шустани дег.

**ДЕДУКСИЯ** *лот.* دیدوکسیه *мант.* яке аз шаклҳои асосии муҳокимаронӣ ва усули тадқиқот, ки дар натиҷаи муносибати ҳамдигарии фикрҳои пешина хулосаи нав ҳосил мешавад, тарзи фикррронӣ аз кулл ба ҷузъ; *муқоб.* **индуксия**.

**ДЕЗА** دیزه *кит.* 1. ранг, лавн, махсусан ранги сиёҳ ё хокистарӣ. 2. хокистарранги моил ба сиёҳӣ (*доир ба* чорпоён). 3. *маҷ.* аспи хокистарранги сиёҳтоб, аспи тезрав.

**ДЕЗИНФЕКСИЯ** *лот.* دیزنفیکسیه нест ва безарар кардани микробҳои сирояткунанда ва ҳашароти зараровар бо моддаҳо ва воситаҳои махсуси химиявӣ, уфунатзудоӣ.

**ДЕЗӢ** دیزی дегчаи сафолӣ ё сангӣ барои шӯр-

бопазӣ.

**ДЕИЗМ** *лот.* دییزم *фалс.* таълимоти динию фалсафӣ, ки Худоро ҳамчун офаринандаи олам эътироф карда, дахолати онро дар тараққиёти минбаъдаи табиату ҷамъият инкор мекард.

**ДЕКАБР** *лот.* دیکبر моҳи дувоздаҳуми солшумории милодӣ.

**ДЕКАБРӢ** دیکبری *мансуб ба* (моҳи) **декабр**; дар моҳи декабр рӯйдода.

**ДЕКАЛИТР** *лот.* دیکلتر меъёри баркаши моеот баробар ба даҳ литр, 10 л.

**ДЕКАН** *лот.* دیکن сардори факултет дар мактабҳои олӣ.

**ДЕКАНАТ** *лот.* دیکنت идораи маъмурию таълимии факултет, ки декан роҳбари он аст.

**ДЕКАТОННА** *лот.* دیکتانه *воҳиди ченаки вазн* **даҳ тонна**.

**ДЕКЛАМАТСИЯ** *лот.* دیکلمتسیه *санъ.* санъати бурро ва таъсирнок карда хондани асарҳои бадеӣ.

**ДЕКРЕТ** *лот.* دیکریت қарорҳои муҳимми давлатӣ (махсусан дар солҳои аввали Ҳукумати Шӯравӣ), ки эътибори қонунро доранд, маншур.

**ДЕЛФИН** *ю.* دیلفین ҳайвони ширхори баҳрӣ аз ҷинси ҳайвонҳои наҳангмонанд, далфин, дулфин, ромуз.

**ДЕМОГРАФИЯ** *ю.* دیماگرفیه соҳаи илм, ки таркиб, миқдор ва камузиёд шудани аҳолиро меомӯзад.

**ДЕМОГРАФӢ** دیماگرفی *марбут ба* **демография**; **вазъи демографӣ**.

**ДЕМОКРАТ** *ю.* دیماکرت 1. пайрав ва тарафдори демократия. 2. узви ҳизби демократ.

**ДЕМОКРАТИЯ** *ю.* دیماکرتیه 1. шакли идораи сиёсии ҷамъият, ки ба эътирофи аз они халқ будани ҳокимият (яъне ҳуқуқи иштирок доштани мардум дар идораи давлат ва таъмини ҳуқуқи сиёсӣ ва озодии шаҳрвандони кишвар) асос ёфааст. 2. усули ташкили фаъолияти дастаҷамъие, ки иштироки фаъолона ва баробарҳуқуқи ҳайати коркунон таъмин карда мешавад.

**ДЕМОКРАТӢ** دیماکرتی *мансуб ба* **демократия**; дар асоси демократия сохташуда: **сохти демократӣ**, **ҷумҳурии демократӣ**.

**ДЕМПИНГ** *англ.* دیمپنگ *иқт.* фурӯши молҳо бо нархҳои ба таври сунъӣ арзоншуда дар бозори хориҷӣ бо мақсади шикаст додани рақибон ва ба даст овардани бозорҳои хориҷӣ.

**ДЕНАТУРАТ** *лот.* دینتورت спирти заҳролуд ё спирти ғайринӯшокӣ, ки дар техника истифода мешавад.

**ДЕПАРТАМЕНТ** *фр.* دیپرتمنت шӯъбаи вазорат ё идораи олии ягон муассисаи ҳукуматӣ, мудирият; **департаменти давлатӣ** вазорати корҳои хориҷӣ дар баъзе мамлакатҳо.

**ДЕПО** *фр.* دیپا корхонае, ки дар он вагон ва локомотивҳои роҳи оҳан, троллейбусу трамвай ва мошинҳои оташнишон таъмир мешавад.

**ДЕР** دیر 1. бо диранг, таъхир, бо таъхир, *муқоб.* **зуд**: **дер расидани ёрӣ, дер кардан ба кор**. 2. муддати дароз, вақти бисёр, муддати тӯлонӣ: **дер назар кардан ба** *чизе,* **дер фикр кардан, шодии ӯ дер давом накард; дертар** а) бевақттар, бо таъхир (*назар ба ҳарвақта*); б) баъдтар, баъди гузаштани андак фурсат; **дер боз** бисёр вақт боз, хеле вақт ин ҷониб, кайҳо боз; **дер гоҳ** хело вақт, вақти зиёд; **аз ҳама дер** аз ҳама ақиб, пас аз ҳама; **дер ё зуд дер аст ё зуд** а) ягон вақт; вақташ ояд; б) дар ҳар сурат; **дер истодан** муддати зиёд қарор гирифтан; бисёр таваққуф кардан дар ҷое; **дер кардан** таъхир кардан дар коре; ақиб мондан; **дер кашидан** муддати зиёд давом кардан, тӯл кашидан: **гуфтугузор бисёр дер кашид, интизорӣ дер накашид, маҷлис дер нахоҳад кашид, хурсандии ӯ дер накашид; дер мондан** а) таъхир кардан, ҳаял кардан; б) муддати зиёд истодан дар ҷое; **дер напоидан** бисёр давом накардан, умри зиёд надидан (-и чизе); **дер омадан** таъхир карда омадан, ақиб монда омадан (назар ба вақти муқаррарӣ); **дер шудан**, вақт рафтан; бевақт шудан; гузаштани фурсати муносиби коре; **дер поидан** вақти зиёд пойдор будан, умри дароз дидан; **дере нагузашта** муддате нагузашта, фурсате нагузашта; пас аз андаке; ба зудӣ; **дер-дер** гоҳ-гоҳ, бо гузаштани вақти зиёд: **дер-дер хабар гирифтан**; **дер ояд, шер ояд** (*зарб.*) бо

таъхир ичро шавад ҳам, хуб ичро шавад.

**ДЕРАНД** دیرند *кит.* 1. дарозмуддат, бардавом. 2. даҳр, дунё; замон, рӯзгор.

**ДЕРБОВАР** دیرباور он ки ба ҳар чи дер эътимоду бовар мекунад, *муқоб.* **зудбовар**.

**ДЕРБОЗ** دیرباز кайҳо, ким-кайҳо.

**ДЕРГОҲ** دیرگاه дербоз, муддати дароз, замони тӯлонӣ.

**ДЕРГУДОЗ** دیرگداز дер обшаванда, филизе, ки дер гудохта мешавад.

**ДЕРГУЗАР** دیرگذر он чи дер ва ба оҳистагӣ гузарад.

**ДЕРЗӢ** دیرزی 1. дер зистан, муддати зиёде вуҷуд доштан. 2. он ки муддати дароз зиндагӣ мекунад, дарозумр, сахтҷон.

**ДЕРИН** دیرین қадимӣ, кӯҳна, пешина: **дӯсти дерин, ёри дерин, муҳаббати дерин, расми дерин, ғами дерин, ба орзӯи дерини худ расидан**.

**ДЕРИНА** دیرینه *ниг.* **дерин**.

**ДЕРИНАБУНЁД** دیرینه‌بنیاد он чи бунёдаш қадим аст; ◊ **ин деринабунёд** ҷаҳони қадим, дунёи куҳан.

**ДЕРИНАГӢ** دیرینگی дерина будан, кӯҳнагӣ.

**ДЕРИНАРӮЗ** دیرینه روز солхӯрда, пир.

**ДЕРИНАСОЛ** دیرینه‌سال куҳансол, солхӯрда.

**ДЕРИНАСОС** دیریناساس он чи бунёдаш қадим аст; **чархи деринасос** дунёи кӯҳна.

**ДЕРӢ** دیری кашолёбӣ, дер мондан.

**ДЕРКАРД** دیرکرد дер кардан, таъхир, дер анҷом додани коре, таъвиқ.

**ДЕРМАТОЛОГИЯ** *ю.* دیرمتالاگیه *тиб.* соҳаи илми тиб, ки сохти пӯст, бемориҳои он ва усули муолиҷаи ин бемориҳоро меомӯзад.

**ДЕРМОН** دیرمان давомдор; поянда, пойдор, бобақо.

**ДЕРМОНДА** دیرمانده *сифати феълии замони гузашта аз* **дер мондан**; ақибмонда, таъхиркарда ба ҷое.

**ДЕРМОНӢ** دیرمانی *исми амал аз* **дер мондан**; ақибмонӣ, таъхир кардан, бевақт омадан.

**ДЕРМУДДАТ** دیرمدت *ниг.* **дарозмуддат**.

**ДЕРМУР** دیرمر он ки ба осонӣ ҷон намедиҳад, ҷонсахт.

**ДЕРОДЕР** دیرادیر дер, дер ба дер, замони тӯлонӣ.

**ДЕРОМӮЗ** دیرآموز он ки матлаб ё чизи дигарро дер аз худ мекунад, дерҳазм.

**ДЕРОРОМ** دیرآرام *кит.* сокин, ботамкин, вазнин.

**ДЕРОШНО** دیرآشنا ошнои дерина, дӯсти дерина.

**ДЕРПАЗ** دیرپز мева ва баъзе аз зироатҳо, ки назар ба навъҳои дигарашон дертар мепазанд.

**ДЕРПАЗАК** دیرپزک *ниг.* **дерпаз**.

**ДЕРПО(Й)** دیرپای муддати зиёд пойдор мондан, бодошт; бобаҳо; дарозумр.

**ДЕРРАСИДА** دیررسیده деромада, ақибмонда; дерпухта.

**ДЕРСОЗ** دیرساز *кит.* носозгор, номувофиқ.

**ДЕРСОЛ** دیرسال бисёрсола; кӯҳна.

**ДЕРСОЛА** دیرساله *ниг.* **дерсол**.

**ДЕРСӮЗ** دیرسوز он чи дер ва тӯлонӣ сӯхта гармои бештар медиҳад.

**ДЕРФАҲМ** دیرفهم он ки дер чизеро дарк мекунад, кундфаҳм.

**ДЕРФАҲМӢ** دیرفهمی кундзеҳнӣ, камзеҳнӣ, чизеро хеле дер дарк кардан.

**ДЕРХЕЗ** دیرخیز он ки хеле дер бедор мешавад; *муқоб.* **зудхез**.

**ДЕРХУФТА** دیرخفته он ки то дер мехобад, он ки дар хоби гарон аст.

**ДЕРҲАЗМ** دیرهضم дер ҳазмшаванда, он чи дер таҳлил ва ҳал мешавад.

**ДЕРҶУНБ** دیرجنب ба таври оҳиста ҳаракаткунанда, сустҳаракат.

**ДЕСАНТ** *фр.* دیسنت *ҳ.* нерӯҳои ҳарбии махсусе, ки ба мавқеи ишғолшуда ё ба ақибгоҳи душман барои бурдани амалиёти ҷангӣ фароварда мешаванд (*аз киштӣ ё ҳавопаймо*); нерӯҳои ҳавобурд.

**ДЕСАНТӢ** دیسنتی *мансуб ба* **десант**: **қӯшунҳои десантӣ,** нерӯҳои ҳавобурд.

**ДЕСАНТЧӢ** دیسنتچی *ҳ.* аскари қӯшунҳои десантӣ, сарбози нерӯҳои ҳавобурд.

**ДЕТЕКТИВ** *англ.* دیتیکتیو 1. мутахассис оид ба таҳқиқ ва тафтиши ҷиноятҳо (*асосан корманди ин ё он бюрои инфиродии таҳқиқ*). 2. асари бадеӣ ё филме, ки дар он саргузашти пурмоҷарои ҳосусон, фош кардани сирри онҳо *ва г.* тасвир ёфтааст.

**ДЕТСИМЕТР** *лот.* دیتسمیتر ченаки дарозӣ баробар ба даҳяки метр, 10 см.

**ДЕФИС** *лот.* دیفیس хатчаи аз тире кӯтоҳест (-), ки ҳамчун аломати аз сатр ба сатр кӯчондан, ба ҳам пайвастани баъзе калимаҳои ҷуфт *ва г.* хизмат мекунад, нимтире.

**дех** ده *асоси замони ҳозира аз* **додан**; **бидеҳ**.

**ДЕҲ** ده қишлоқ, қаря, русто; **деҳи боло, деҳи поин, шӯрои деҳ**; **аҳли деҳ** деҳанишинон, аҳолии деҳа, деҳотиён; **деҳ куҷову дарахтон куҷо** (*зарб.*) дар мавриди берабт ва бемуносибат будани чизи гуфташуда истеъмол мешавад.

**ДЕҲА** دیهه *ниг.* **деҳ**.

**ДЕҲАГӢ** دیهگی *мансуб ба* **деҳа**; дар деҳабуда; қишлоқӣ: **хонаи деҳагӣ**.

**ДЕҲАНИШИН** دیهه نشین *ниг.* **деҳнишин**.

**ДЕҲИСТОН** دهستان қишлоқҷой, деҳаҳо, деҳот.

**ДЕҲКАДА** دهکده 1. *кит.* хонае, ки дар деҳа воқеъ аст, хонаи деҳагӣ. 2. деҳи хурд; деҳа, қишлоқ.

**ДЕҲҚОН** دهقان 1. кишоварз, барзгар, киштукоркунанда. 2. *таър.* арбоби деҳа, соҳиби деҳа, кадхудо, деҳхудо; заминдори калон.

**ДЕҲҚОНБАЧА** دهقانبچه *ниг.* **деҳқонзода**.

**ДЕҲҚОНЗОДА** دهقانزاده фарзанди деҳқон, деҳқонбача.

**ДЕҲҚОНӢ** دهقانی шуғли деҳқон, кору бори деҳқон (1), кишту кор, зироат кишоварзӣ; **корҳои деҳқонӣ** корҳои оид ба киштукор, корҳои саҳроӣ; машғулияти деҳқон; **деҳқонӣ кардан** бо зироат машғул шудан.

**ДЕҲҚОНПИСАР** دهقانپسر *ниг.* **деҳқонзода**.

**ДЕҲНИШИН** ده نشین он ки дар деҳа зиндагонӣ мекунад, деҳотӣ, қишлоқӣ, рустоӣ.

**ДЕҲОТ** دهات *ҷ.* **деҳ**, деҳа; қишлоқҷой.

**ДЕҲОТӢ** دهاتی сокини деҳа; истиқоматкунандаи қишлоқ, қишлоқӣ, рустоӣ, деҳнишин.

**ДЕҲХУДО** دهخدا *кит.* арбоби деҳа; соҳиби деҳа, кадхудо.

**ДЕҲШӮРО** ده شورا мақоми давлатии ҳокимият дар деҳа, шӯрои деҳот.

**ДЗЮДО** *яп.* دزیودا *варз.* навъи гӯштингирии японӣ (*бо усули озод*).

**ДИАБЕТ** *ю.* دیئبیت *тиб.* бемориҳое, ки бо ифроти зиёди шоша давом мекунад; **диабети қанд** беморие, ки ба сабаби зиёдии моддаи қанд дар хун пайдо мешавад, бемории қанд.

**ДИАГРАММА** *ю.* دیئگرمّه намудор, ҷадвалтасвири графикиест, ки таносуби байни бузургиҳои гуногунро (*мас., ягон афзоиш ё кам шуданро)* бо шаклҳои ҳандасӣ аёнан нишон медиҳад: **диаграммаи афзоиши истеҳсоли молҳои саноатӣ**.

**ДИАЛЕКТИЗМ** *ю.* دیئلیکتزم *збш.* калима ва ибораҳои хоси лаҳҷаи ягон маҳал, ки дар забони адабӣ истеъмол мешаванд.

**ДИАЛЕКТИКА** *ю.* دیئلیکتیکه *фалс.* таълимот дар бораи қонунҳои умумии ҳаракат ва тараққиёти табиат, ҷамъият ва тафаккур, назария ва методи маърифати воқеият, *муқоб.* **метафизика**.

**ДИАЛЕКТИКӢ** دیئلیکتیکی ба диалектика асосёфта, бо татбиқи диалектика сохташуда: **тафаккури диалектикӣ, усули диалектикӣ, фалсафаи диалектикӣ**.

**ДИАЛОГ** *ю.* دیئلاگ *адш.* гуфтугӯ байни ду ё чанд нафар аз иштироккунандагони асари бадеӣ; муколама, муҳовара.

**ДИАФРАГМА** *ю.* دیئفرگمه 1. *биол.* пардаи байни ковокии қафаси сина ва шикам. 2. пардаи ҳоҷиз.

**ДИБОҒАТ** *а.* دباغت *ниг.* **даббоғӣ** 2.

**ДИВИЗИОН** *фр.* دیویزیان *ҳ.* воҳиди ҳарбӣ дар қисмҳои тӯпандозӣ, савора ва зиреҳпӯш.

**ДИВИЗИЯ** *лот.* دیویزیه *ҳ.* қисми ҳарбие, ки аз чанд полк ё бригада иборат мебошад: **дивизияи тирандозӣ, дивизияи зиреҳпӯш**.

**ДИГАР** دیگر//دگر 1. соир, ғайр, дуюмӣ: **даромади дигар, мавзӯи дигар, хонаи дигар, чораи дигар: хушбахтии дигар** хушбахтии нав; **рӯзи дигар** рӯзи дуюм; рӯзи оянда. 2. бегона, ғайр; **бачаҳои дигар** соири бачаҳо; бачагони боқимонда; **мулки дигар** мулки бегона, кишвари ғайр; **аз меҳнати дигарон** аз ранҷ ё кори одамони бегона. 3. ғайр аз ин, ба ҷуз ин; сонияи. 4. бори дуюм, дуюмбора, мукаррар; баъд аз ин, минбаъд, боз: **дигар пинҳон карда натавонистан, дигар худдорӣ карда натавонистан, дигар бас аст фирефта шудан!; аз дигар** аз нав, аз сари нав, дубора: **хатро аз дигар навишт**; **бори дигар** дафъаи дуюм, дубора, боз; **канори дигар // соҳили дигар** канори тарафи муқобил, соҳили рӯ ба рӯ; **дигар хел // дигар гуна** на ба тавре ки мебоист, ба таври дигар, **дигар хел муомила кардан бо** *касе*, **дигар хел ҷавоб додан, сухани** *касеро* **дигар хел фаҳмидан** *ва г*; **аз тарафи дигар** аз дигар ҷиҳат, аз тарафи дуюм: **чанд соли дигар** боз чанд сол; **чанд қадами дигар** боз чанд қадам (*мас., пеш рафтан*); **дигар будан** фарқ доштан; **дигар кардан** тағйир додан; **ҷои худро дигар кардан** тағйири макон (кардан); **дигар шудан** тағйир ёфтан, дучори тағйирот гардидан (*дар бораи тартибу қоидае, муомилаю рафтори касе ва г.*); **ба кори дигар гузаштан** ҷои корро тағйир додан; **ин гапи дигар** а) ин мавзӯи ҷудогона аст, ин масъалаи алоҳида аст; б) ин айни муддаост; **номи худро дигар кардан (мондан)** номи худро тағйир додан (*дар мавриди қасам хӯрдан ё ваъдаи қатъӣ додан гуфта мешавад*).

**ДИГАРАНДЕШ** دیگراندیش *нав.* он ки аз ҷиҳати мафкура аз дигарон фарқ мекунад.

**ДИГАРАНДЕШӢ** دیگراندیشی дигарандеш будан, ақидаи дигар доштан.

**ДИГАРБОР** دیگربار *ниг.* **дигарбора**.

**ДИГАРБОРА** دیگرباره дубора, бори дигар; муҷаддадан, боз: **дигарбора телефон кардан, дигарбора аз даст додан**.

**ДИГАРГУН** دیگرگون таври дигар, ба ранги дигар, тағйирёфта; **дигаргун кардан** а) тағйир додан; б) аз нав сохтан; ислоҳ даровардан (*мас., табиатро дигаргун кардан*); **дигаргун шудан (гаштан, гардидан)** тағйир ёфтан, рӯ ба тағйирот овардан, дучори таҳаввул гардидан (*оид ба аҳвол, авзоъ, хулқу атвор, ваҷоҳат, ранги рӯй, симои шаҳру деҳот ва г.*).

**ДИГАРГУНА** دیگرگونه 1. ба таври дигар, ба тариқи ҷудогона. 2. тағйир; тағйирёфта; **дигаргуна кардан** тағйир додан; **дигаргуна шудан** аз ҳоле ба ҳоле гардидан, тағйир ёфтан.

**ДИГАРГУНӢ** دیگرگونی дигаргун шудан, тағйирот, таҳаввулот: **дигаргунӣ дар ҳайати ҳукумат, дигаргунии калон дар ҳаёти мактабҳои ҷумҳурӣ**.

**ДИГАРГУНСОЗӢ** دیگرگونسازی тағйирдиҳӣ; бозсозӣ.

**ДИГАРГУНШАВАНДА** دیگرگونشونده *сифати феълии замони ҳозира аз* **дигаргун шудан;** тағйирёбандагӣ.

**ДИГАРГУНШАВАНДАГӢ** دیگرگونشوندگی *шакли дигари сифати феълии замони ҳозира аз* **дигаргун шудан**; дигаргуншаванда будан, тағйирёбандагӣ.

**ДИГАРӢ** دیگری ҳар шахс ё ҳар мавзӯи дигар ғайр аз масъала ё шахси ишорашуда; шахс ё чизи навбатӣ, баъдӣ.

**ДИГАРСАРО(Й)** دیگرسرا(ی) *кит.* ҷаҳони дигар, дунёи охират.

**ДИГАРСОН** دیگرسان ба гунаи дигар, ба шакли дигар, дигаргун.

**ДИГАРХЕЛ** دیگرخیل *ниг.* **дигархела**.

**ДИГАРХЕЛА** دیگرخیله навъи дигар, аз ҷинси дигар; дигаргун.

**дид** دید 1. *асоси замони гузаштаи* **дидан**. 2. *шакли кӯтоҳи масдари* **дидан**.

**ДИД** دید 1. назар, нигоҳ; **диду боздид** *ниг.* **боздид**. 2. тахмин дидан; нуқтаи назар, дидгоҳ; **аз рӯи диди... ба диди**... ба тахмини..., ба назари..

**ДИДА** I دیده *сифати феълии замони гузаштаи* **дидан**: **аз дидаю шунида нақл кардан**; **дидаву дониста** а) хуб фаҳмида истода; б) қасдан, амдан; **аз** *чизе* **дида** *гуфт*. назар ба чизе; **дида баромадан** аз назар гузаронидан, муоина кардан; **дида мондан** а) дида гирифтан; як назар дидан; б) ногаҳон ба чашми касе афтодан, нохост ба назар намудор шудан; **дида натавонистан** а) ба чашм нанамудан; ба назар намудор нашудан, хеле дур ё чуқур будан; б) ҳисси нафрат доштан ба касе, чашми

дидан надоштан касеро, бад дидани касеро; в) бо назари нотавонбинӣ ва ҳасад муносибат кардан бо касе.

**ДИДА** II دیده чашм: **дидаи бино, дидаи гирён; ақл агар кӯр бошад, аз дидаи бино чӣ гила!** (*зарб.*); **дидаи бедор** чашми бино; чашми ҳушёру тезбин; **дидаи рӯз** сапедадам; равшании рӯз; **дидаи хунбор** чашми ашкбор, чашми гирён; **борони дида** *киноя аз* ашки бисёр; **нури дида** а) равшании чашм; б) *маҷ.* фарзанди азиз; **оби дида** *киноя аз* ашк, сиришк; **оби дида кардан** гиристан, гиря кардан, ашк рехтан; **бо (ба) дидаи**… бо назари…; аз рӯи.., аз нуқтаи назари...; **бо дидаи ибрат бин**! ба дидаи инсоф бин!; **аз дида рафта** аз назар дур шуда; аз назар рафта; **дида дӯхтан** а) нигоҳ кардан, назар кардан; б) *маҷ.* чашм пӯшидан, нигоҳ накардан, қатъи назар намудан; **дида кушодан (во кардан)** нигоҳ кардан, назар андохтан; **дида сафед шудан** бенур шудани чашм (*дар интизорӣ*); **дида ба дидор расидан** муяссар шудани мулоқоти якдигар; **дида дар роҳи** *касе* **доштан** касеро интизорӣ кашидан; **қабул ба дида ниҳодан** бо тамоми рағбат қабул кардан; **дар дида ҷо доштан** хеле азизу боқадр будан; **нури дида, тоҷи сар!** дар мавриди азизу гиромӣ доштани мақдами касе гуфта мешавад; **ҳар қадам монед**, **болои дида!** дар мавриди пазироии меҳмони азизу мӯҳтарам баробари таъбири “хуш омадед, марҳамат” гуфта мешавад; **кӯр чӣ мехоҳад? – ду дидаи бино** (*зарб.*) ҳар кас муддао ва матлаби худро мехоҳад.

**ДИДААФРӮЗ** دیده‌افروز *кит.* равшанибахш, нурфизо.

**ДИДАБОЗ** دیده باز *кит.* 1. чашмкушода. 2. назарбоз, бонозу карашма.

**ДИДАБӮСӢ** دیده‌بوسی аз рӯи дӯстдориву меҳрубонӣ бӯса ба дидаҳо задан.

**ДИДАВАР** دیده‌ور *кит.* 1. бинанда, соҳиби чашми бино, басир. 2. *маҷ.* тезбин, нозукбин; хирадманд, доно.

**ДИДАВАРӢ** دیده‌وری *кит.* дидавар будан; соҳибназарӣ; хирадмандӣ.

**ДИДАГИРЁН** دیده‌گریان ба чашми гирён, ба чашми ашкбор.

**ДИДАГӢ** دیدگی *шакли дигари сифати феълии замони гузашта аз* **дидан**.

**ДИДАГОҲ** دیده گاه *кит.* дидгоҳ.

**ДИДАДАРО** دیده‌درا хушмуомила, часпон; чеҳракушода, кушодарӯй: **дидадаро шав, ба дида ҷо шав** (*зарб.*).

**ДИДАДАРОӢ** دیده‌درائی хушмуомилагӣ, часпонӣ (*дар муомила*); чеҳракушодӣ, кушодарӯӣ.

**ДИДАДОР** دیده‌دار 1. *ниг.* **дидавар**. 2. *кит.* ҷосус.

**ДИДАДӮЗ** دیده‌دوز бо диққат нигаранда, пайваста нигаранда.

**ДИДАКАШ** دیده‌کش *кит.* тиракунанда, хиракунанда.

**ДИДАКТИКА** *ю.* دیدکتیکه соҳаи илми омӯзгорӣ, ки дар бораи назарияи таълиму тарбия, шаклу усулҳои онҳо, ҷудонопазирии ҷараёни таълим аз тарбия *ва г.* баҳс мекунад.

**ДИДАКТИКӢ** دیدکتیکی пандомез, насиҳатомез; омӯзишӣ, ахлоқӣ; **асарҳои дидактикӣ** асарҳое, ки мавзӯи асосии онҳоро панду насиҳат ташкил медиҳад.

**ДИДАН** دیدن 1. қобилияти биноӣ доштан, нигоҳ кардан, нигаристан. 2. дучор омадан бо касе ё чизе, вохӯрдан. 3. зиёрат, аёдат, хабаргирӣ аз аҳволи касе; мулоқот, дидорбинӣ: **барои дидани** *касе* **рафтан**. 4. дарёфтан, дарк кардан, фаҳмидан, донистан. 5. ҳисоб кардан, шумурдан: **муносиб дидан, раво дидан, ҷоиз (на) дидан**. 6. *маҷ.* аз сар гузаронидан; **азоб дидан** азобро аз сар гузаронидан, азият кашидан. 7. *ҳамчун феъли ёридиҳанда дар таркибҳои феълӣ омада, маънои* мушоҳида кардан, санҷидан, озмудан, аз назар гузаронидан, иҷро шудани амалеро *мефаҳмонад*: **варақ зада дидан, кофта дидан, чашида дидан**. 8. *бо чанд калима ҳамроҳ омада, таркиби феълии монда месозад:* **зарар дидан, ҷазо дидан, ҷабр дидан; ба дидан** ба назар.., ба намуд…; **ба (бо) як дидан** а) бо як бор нигоҳ кардан, ба як назар; б) дар як лаҳза, зуд; **то дидан** то боздид; **бад дидан // ганда дидан** ҳисси нафрат доштан нисбат ба касе; **маслиҳат дидан** раво дидан, ҷоиз донистан, салоҳ дидан; машварат додан дар бораи коре ба касе; **нағз дидан** дӯст доштан, меҳр доштан нисбат ба касе ё чизе; **рӯз дидан // умр дидан** умр ба сар бурдан, зистан; **тайёрӣ дидан** тайёр шудан, омода шудан; **чора дидан**

чораҷӯӣ кардан, чора чустан; **бо (ба) ҳам дидан** ҳамроҳ хӯрдан, якҷоя бо касе истеъмол кардан; шарикӣ тақсим кардан; **рӯи** *чизеро* **ё** *касеро* **дидан** расидан ба чизе, соҳиб шудан ба чизе; муяссар шудани чизе ба касе (*мас., рӯи фарзандро дидани касе*); **ту дидӣ, ман надидам** дидаву дониста чизеро ё кореро пинҳон кардан; **фикри худро дидан** ғами худро хӯрдан; дар пайи кори худ шудан; **чашми дидан надоштан** нафрат доштан; **дидӣ, ки нашуд, монаш, ки равад** (*зарб.*) кӯшиш кардӣ, ки натиҷа набахшид, ба ҳолаш бигзор (*дар мавриди насиҳатро қабул накардани касе ё ҳосил нашудан аз коре гуфта мешавад*).

**ДИДАНАШУДА** دیده نشده беназир, хориқулода: **мислаш диданашуда**.

**ДИДАНБОБ** دیدنباب ба дидан арзанда, кирои дидан, боби дидан.

**ДИДАНӢ** دیدنی 1. *сифати феълии замони оянда аз* **дидан**. 2. шоистаи дидан, дархури дидан, тамошобоб, лоиқи дидан. 3. *маҷ.* пешомад; тақдир; рӯзи сахт.

**ДИДАТАР** دیده‌تر *кит.* гирён; гирякунанда.

**ДИДАХОНА** دیده خانه *кит.* чашмхона.

**ДИДАШАВАНДА** دیده‌شونده *сифати феълии замони ҳозира аз* **дида шудан**; ба назар намоён, ба чашм менамудагӣ: **масофаи дидашаванда**.

**ДИДБОН** دیدبان 1. посбоне, ки дар бурҷи қалъаву сарҳадҳо, болои киштиҳо ва дар ҷойҳои баланд истода, атрофро наззора мекунад (*барои хабар додан аз ҳаракати душман ё хатари ҳуҷуми он*). 2. *кит.* ҷосус; пӯянда, таъқибкунанда; он ки рафтори касеро таҳти назорати доимӣ мегирад.

**ДИДБОНГОҲ** دیدبانگاه ҷое, ки аз он дидбонӣ мекунанд, бурҷи дидбонӣ.

**ДИДБОНӢ** دیدبانی 1. амали дидбон; нигаҳбонӣ, посбонӣ, қаровулӣ, назорат. 2. *ҳ.* яке аз воситаҳои ҷамъоварии маълумот дар бораи душман, мавқеъ, амалиёти ҳарбӣ ва хусусияти мавзеъ.

**ДИДГОҲ** دیدگاه 1. масоҳате, ки бо чашм ҳамаи онро дидан мумкин аст, чашмандоз. 2. *ҳ.* ҷои махсуси таҷҳизонидашуда, ки аз он ҷо амалиёти душман, инчунин ҳаракат ва дигар амалҳои ҳарбиро назорат мекунанд. 3. *кит.* нуқтаи назар, ақида, фикр.

**ДИДОР** دیدار 1. дидан; дидани рӯи касе; мулоқот, вохӯрӣ: **аз дидори** *касе* **сер нашудан, ба дидори** *касе* **муштоқ будан**; **элак баҳона, дидор ғанимат** (*зарб.*). 2. рӯй, чеҳра; **дидор намудан** рӯй нишон додан; **ба дидори ҳамдигар расидан** баъд аз ҷудоӣ ҳамдигарро дидан.

**ДИДОРБИНӢ** دیداربینی мулоқот, вохӯрӣ.

**ДИДОРӢ** دیداری 1. *марбут ба* **дидор**; қобили дидор, диданӣ. 2. *маҷ.* хушсимо.

**ДИЁНАТ** *а.* دیانت 1. *кит.* диндорӣ. 2. *маҷ.* бовиҷдонӣ, ростkорӣ, ҳалолкорӣ.

**ДИЁР** *а.* دیار 1. *кит., ҷ.* **дор** (хонаҳо). 2. кишвар, мамлакат, сарзамин: **диёри бегона, диёри дурдаст, диёри озод, диёри пурсафо**. 3. *маҷ.* ватан, меҳан; **аз ёру диёр ҷудо кардан** аз хешу ақрабо ва ватан ҷудо кардан.

**ДИЖ** دژ *кҳн.* қалъа, ҳисор.

**ДИЖАМ** دژم *кит.* 1. андӯҳгин, ғамгин. 2. хашмгин, ғазабнок. 3. *маҷ.* парешон, ошуфта.

**ДИЖАМРӮЙ** دژم‌روی *кит.* тирарӯй, чеҳрагирифта, туршрӯй.

**ДИЖАН** دژن *кҳн.* тундмаза.

**ДИЖБОН** دژبان *кҳн.* нигаҳбони қалъа, кутвол.

**ДИЖДОР** دژدار *кҳн.* сардори қалъа, ҳокими қалъа.

**ДИЖОГОҲ** دژآگاه *кит.* хашмнок, бадқаҳр; бадандеш.

**ДИЖОЛУД** دژآلود *ниг.* **дижогоҳ**.

**ДИЖОҲАНГ** دژآهنگ *кит.* бадандеш, бадқасд; тунду тез.

**ДИЖХИМ** دژخیم *кит.* 1. бадхӯ, зишттабиат, бадхислат. 2. ҷаллод. 3. *маҷ.* душман, хасм.

**ДИЗЕЛ** *олм.* دیزل номи ихтироъкори олмонӣ, ки муҳаррики дизелиро ихтироъ кардааст; муҳаррики дарунсӯз, ки бо сӯзишвории дизелӣ кор мекунад.

**ДИЗЕЛӢ** دیزلی *мансуб ба* **дизел**; **сӯзишвории дизелӣ** навъи сӯзишвории моеъ, ки дар натиҷаи полоиши нафт ҳосил шуда, муҳаррикҳои дизелӣ бо он кор мекунанд.

**ДИЗЕНТЕРИЯ** *ю.* دیزینتیریه *тиб.* бемории шадиди гузарандае, ки исҳоли хунин ва дарди сахти шикам аз аломатҳои он аст.

**ДИККАК** دکک :**диккак нишастан** *гуфт.* сари ду по нишастан.

**ДИКТА** *лот.* دیکته 1. бурро ва ягон-ягон хондани матн барои нависондан ба дигарон (*мас., ба талабагони мактаб*), имло. 2. *маҷ.* амр, дастур, талқини иродаи худ ба касе; **дикта кардан** а) оҳиста ва равшану бурро хондани матн барои навиштани касе; б) талқини майлу иродаи худ ба касе, касеро ба коре водор кардан; ба касе роҳ нишон додан (*зӯран*).

**ДИКТАНТ** *лот.* دیکتنت намуди кори хаттӣ, ки аз рӯи диктаи муаллим навишта мешавад (*бо мақсади санҷиш ва мустаҳкам кардани дониши талабаҳо дар имло ва китобат*).

**ДИКТАТОР** *лот.* دیکتتار ҳокиме, ки дар идора кардани давлат ҳокимияти номаҳдуд дошта, афкору ақоиди худро ба дигарон бо зӯр таҳмил мекунад, мустабид.

**ДИКТАТУРА** *лот.* دیکتتوره ҳокимияти диктатор; сохтор ва тарзи татбиқи ҳокимияти номаҳдуд; низоми истибдодӣ.

**ДИКТОФОН** *лот.* دیکتافان дастгоҳ барои сабт ва шунавондани овоз.

**ДИЛ** دل 1. узви марказии низоми гардиши хуни одам ва ҳайвон, ки ҳаракати хунро идора мекунад, қалб; **дили бемор** дили касал, дили дардманд. 2. *маҷ.* марказ, васат, миён, дарун: **дили мамлакат, дили кӯҳ; дили санг** мағзи санг, миёни санг; **дили шаб** ними шаб, нисфи шаб; бевақтии шаб. 3. *маҷ.* замир; хотир ботин; **барои (баҳри) хушнудии дили..** барои хурсандии хотири…, барои шод кардани табъи… 4. *маҷ.* майл, хоҳиш ҳавас; азму ирода, ният; **дили** *касеро* **фаҳмидан** майлу хоҳиши касеро донистан; аз нияти касе огоҳ шудан. 5. *кит., маҷ.* ҷуръат; далерӣ, ҷасорат; **дил доштан** ҷасорат доштан; **дили афгор** дили озурда; рӯҳафтодагӣ; **дили беғам** осудахотир, хотирҷамъ; **дили кафтар** яке аз навъҳои беҳтарини ангур; **дили пурдард** дили пурҳасрат, қалби ғамгин; **дили сангин** дили бераҳму шафқат, дили сахт; сангиндилӣ, бераҳмӣ; **дили сиёҳ** дили одами бадкор, бадният; **дили танг** дили бесабру қарор, бетоқатӣ; **дили хунин** дили ғамгин, қалби пурдарду алам; **дили шикаста** дили озурда, қалби ранҷида; **рози дил** сирри ниҳонӣ; таги дил; **таги дил // таҳи дил** замир, ботин; асли мақсад; **дилу бедилон** бе шавқу рағбат, бе майлу ҳавас, бо дили нохоҳам: **дилу бедилон кореро кардан, дилу бедилон розӣ шудан, дилу бедилон гап задан; дилу гурда** далерӣ, ҷасорат, ҷуръат; **дилу димоғ** ҳавою ҳавас, майлу рағбат, ҳавсала; **дилаш қалб** ботинаш вайрон, каҷдил; **дар (ба) дил** дар ботин, хаёлан; дарунноки: **дар дил гуфтан**, **дар дил дашном додан, дар дил хандидан, дар дил хурсанд шудан, дар дил хондан; аз дилу ҷон** бо камоли майлу рағбат, бо шавқу ҳаваси том; бо тамоми ҳастӣ; аз рӯи сидқу вафо: **аз дилу ҷон кӯшидан, аз дилу ҷон табрик кардан, аз дилу ҷон дӯст доштан; аз рӯи дил** бесадоқат; бесидқона, мунофиқона; **аз таҳи (таҳти) дил** самимона, сидқан, аз рӯи сидқ; **ба дили наҳор** ношто накарда, субҳона нахӯрда; **бо дили кашол** дил наканда (*аз чизе*), бо дилкашолӣ; **бо дили нохоҳам** бе майлу рағбат: **бо дили нохоҳам баромада рафт**; **бо дили пур** бо боварии том; дилпурона; **бо дили сиёҳ (сип-сиёҳ)** ғамгинона, хафа, бо дили пурдарду алам; **бо (аз) дили соф** софдилона, беғаразона; **бо дили хуш** хушу хурсандона; **дил андохтан** пазмон шудан; кас ё чизи дӯстдоштаро ба ёд оварда, ғусса хӯрдан аз набуданаш, интизор ва чашм ба роҳ будан; **дил бардоштан** (*хӯрокеро*) майли хӯрдани чизеро доштан, дил хостан; **дил бардоштан** *аз коре* тарки коре кардан, даст кашидан аз коре; **дили** *касеро* **бардоштан** а) ба касе тасаллӣ додан, касеро дилдорӣ кардан; б) рӯҳбаланд кардан касеро; ҷуръат бахшидан ба касе; **дил бастан** а) меҳр бастан ба касе; ишқ мондан ба чизе ё коре; б) хоҳише пайдо карда, розӣ шудан ба коре, майл пайдо кардан ба коре; **дил бохтан** а) дӯст доштан, ошиқ шудан, дил додан; б) сахт тарсидан, ҳаросидан; **дили** *касеро* **бурдан** дили касеро тасхир кардан, дили касеро рабудан; **дил додан** меҳр бастан ба касе, касеро дӯст доштан, ошиқ шудан; **дил кандан** *аз касе ё чизе* тарк кардан касе ё чизеро, даст кашидан, сарфи назар кардан аз чизе; **дил кардан** майл кардан, сахт хостан; **агар дил кунӣ, олама гул кунӣ** (*зарб.*); **дил кашидан** а) майл доштан, хостан; б) майли хӯрдан кардан, иштиҳо омадан; в) мувофиқи табъ воқеъ шудани чизе ё касе; **дил мондан** *аз касе ё чизе*

дилхунук шудан аз касе ё чизе, дилмонда шудан; **дил мондан** *ба касе ё чизе* майлу рағбат зоҳир кардан, меҳр бастан ба касе ё чизе; **дил рафтан** ба чизе майл пайдо кардан, сахт хоҳони чизе шудан; **дил сӯхтан** *ба касе ё чизе* тараҳҳум кардан, шафқат кардан ба касе; **дил тапидан** дар изтироб будан; ҳаросон будан; **дил хостан** майлу хоҳиш доштан; матлуб будан, хуш омадан; **дил беҳузур шудан** а) ба ҳолати қай кардан расидан; б) нафрат пайдо шудан ба чизи ногуворе; **дил буғз кардан** зиқ шудан, малул шудан, дилтанг шудан; **дил гувоҳӣ додан** ҳис кардан; ҳисси қабл аз вуқӯъ доштан нисбат ба чизе; **дил гум задан** а) тез-тез ва сахт задани дил, бозӣ кардани дил; б) ниҳоят моил шудан ба чизе, зиёд иштиёқманду хоҳони чизе шудан; **дил кашол будан** моил будан, майлу ҳавас доштан ба чизе, касе, ҷое; **дил нарм шудан** а) аз хашм фуромадан; б) бедор шудани ҳисси раҳм дар касе; **дил пур шудан** *ба касе* бовар кардан, эътимод пайдо кардан ба касе; **дили** *касе* **пур шудан** аз ниҳояти ғамгинӣ ба дараҷаи гиря расидан; ба риққат омадан аз ҳоли бади худ ё каси дигар; **дил танг шудан** зиқ шудан, малул гаштан, дилгир шудан; бетоқат шудан; озурда шудан; **дил таҳ кашидан** ба воҳима афтодан, воҳима зер кардан; сахт тарсидан; **дил таҳ кашидан** чизеро сахт хостан; дар орзую ҳаваси чизе пазмон шудан; **дил торс кафидан** беҳад зиқ шудан, сахт озурда шудан, ниҳоят асабонӣ шудан, бисёр ба танг омадан; **дил холӣ кардан** а) дарду алами худро ба касе гуфтан, ҳасрат кардан; рози дил гуфтан; б) аз ғаму ғусса фориғ шудан, хафагии худро баровардан; **дили** *касе* **ба** *чизе ё* **коре шудан** а) розӣ шудан, майлу хоҳиш доштан ба коре, чизе; б) ҳайфи касе наомадан; **дили** *касеро* **ба даст овардан** дили касеро ба даст гирифтан, дили касеро ёфтан, касеро шефтаю мафтуни худ кардан; бо коре касеро ба худ моил кардан (*мас.*, *ба воситаи гапи нагз, муомилаи хуб ва г.*).; **дили** *касеро* **гургҳо пора (тала) кардан** ба изтироб афтодан, беқарор шудан, хавотир шудан, бетоқат гардидани касе; **дили** *касеро* **ёфтан** мавриди писанди касе шудан, ба касе хуш омадан; мавриди таваҷҷӯҳи касе қарор гирифтан, касеро ба худ моил кардан; **дили** *касеро* **об (обу адо) кардан** азобу азият додан (*рӯҳан*); ғамгин кардан; касеро сахт мутаассир кардан; **дили** *касеро* **рабудан, дил** *аз касе* **рабудан** *ниг.* **дил бурдан**; **дили** *касеро* **харошидан** касеро ба ҳаяҷон овардан, мутаассир кардан; бесаранҷом кардан; **дили** *касеро* **шикастан** а) ранҷонидан, озурда кардан касеро; б) маъюсу ноумед кардан, рӯҳафтода кардан касеро; **дили худро хӯрдан** сахт ғусса хӯрдан, сахт дилтанг шудан; **дил** *ба касе* **пур будан** ба касе боварӣ доштан, аз касе эмин будан; хотирҷамъ будан; **дил ба марг ниҳодан** ба марг тан додан, ба мурдан розӣ шудан; **аз дил баровардан** а) аз худ фикр карда баровардан, аз хаёли худ бофта баровардан; б) фаромӯш кунондан, аз хотири касе дур кардани ягон ногуворӣ, шубҳа *ва г.*; **аз дил гузаронидан** фикр кардан, хаёл кардан; ба хотир овардан; **ба дил гарон гирифтан** сахт ранҷидан, ниҳоят хафа шудан; **ба дил гирифтан** ба чизе аҳамият дода хафа шудан, ранҷидан; мутаассир шудан; **ба дил задан** безор шудан, дилгир шудан аз чизе; ҳисси нафрат пайдо шудан нисбат ба чизе ё касе; **ба дили** *касе* **оташ (алав) афтодан** бесаранҷом шудан, беқарор гаштан; ошуфта шудан; **ба дили сӯхтаи** *касе* **намакоб задан** ғаму дарди касеро афзун гардондан, азобу машаққати касеро зиёд кардан бо амале; **ба дил роҳ додан** дар бораи чизе фикр кардан; чизеро аз дил гузарондан (*мас., ваҳму ҳарос ё хавфу хатарро ба дил роҳ (на) додан*); **ба дил сахт расидан** сахт ранҷидан, озурда шудан, ба дил гарон гирифтан; **ба дили** *касе* **рафта…** ба хотири касе, барои хушнуд кардани касе; **дил – дили Зайнаб** (*мақ.*), *муқ.* **ихтиёр дар дасти бахтёр** (*зарб.*) ҳар кас соҳибихтиёр аст, ихтиёри ҳар кас дар дасти худаш аст; **дили мондаю ҷони баромада баробар** (*зарб.*) одам ки аз касе ранҷад ё дилхунук шавад, дубора ӯро хурсанд кардан ё дилгарм намудан ниҳоят кори мушкил аст; **дили ноxоҳам – узри бисёр** (*зарб.*) агар хоҳиш набошад, баҳона ёфт мешавад.

**ДИЛАК** دلک *шакли тасғири* **дил**; **хонакам коза бошад, дилакам тоза бошад** (*зарб.*).

**ДИЛАНГЕЗ** دلانگیز дилкаш, матлуб, марғуб; ба ҳаяҷон оварандаи дил, ҳаяҷонбахш.

**ДИЛАФГОР** دلافگار дилозурда, дилреш, ғамзада, ғамгин, маҳзун.

**ДИЛАФГОРӢ** دلافگاری дилреш будан, хаста-

дилӣ, ғамзадагӣ, маҳзунӣ, дилозурдагӣ.

**ДИЛАФРӮЗ** دل‌افروز 1. фараҳбахш, фараҳафзо, дилкушо: **баҳори дилафрӯз, боғи дилафрӯз, чашни дилафрӯз**; **умедвории дилафрӯз** умедвории фараҳбахш. 2. дилрабо, мафтункунанда: **нигори дилафрӯз, табассуми дилафрӯз, ҳусни дилафрӯз**. 3. *маҷ.* маҳбуба, маъшуқа. 4. *бот.* яке аз ҷинсҳои хуби нок.

**ДИЛАФСУРДА** دل‌افسرده мурдадил, берӯҳ, беҳиссу ҳаракат.

**ДИЛАФТОДА** دل‌افتاده маҳзун, андӯҳгин; маъюс; рӯҳафтода.

**ДИЛБАЗАН** دلبزن *гуфт.* дилгиркунанда; безоркунанда; **дилбазан шудан** безор шудан; зиқ шудан.

**ДИЛБАНД** دلبند 1. он ки ё он чи касро ба худ мафтун мекунад, дилрабо, дилкаш, ҷозиб. 2. *маҷ.* маҳбуб, ҳабиб, дӯстдор; азиз, меҳрубон. 3. *маҷ.* фарзанд, ҷигаргӯша.

**ДИЛБАР** دلبر 1. он ки ё он чи бо ҳусну латофати худ дил мебарад, дилрабо, зебо; нозанин. 2. *маҷ.* маҳбуба, ёр.

**ДИЛБАРАК** دلبرک *шакли навозишии* **дилбар**.

**ДИЛБАРДОР** دلبردار 1. тасаллодиҳанда, тасаллибахш; рӯҳбаландкунанда. 2. *маҷ.* ғамгусор, ғамбарор.

**ДИЛБАРДОРӢ** دلبرداری *исми амал аз* **дил бардоштан**; тасалло додан; рӯҳбаланд кардан; дилнавозӣ; **дилбардорӣ кардан (намудан)** тасаллӣ додан; рӯҳбаланд кардан.

**ДИЛБАРӢ** دلبری 1. дилрабоӣ, дилфиребӣ, мафтунсозӣ. 2. зебоӣ, хушрӯӣ, раъноӣ.

**ДИЛБАРОНА** دلبرانه аз рӯи дилбарӣ.

**ДИЛБАСТА** دلبسته *сифати феълии замони гузашта аз* **дил бастан**; ошиқ, дӯстдор, меҳрбаста; **дилбастагон** хешу табор, ақрабо.

**ДИЛБАСТАГӢ** دلبستگی *шакли дигари сифати феълии замони гузашта аз* **дил бастан**; меҳру муҳаббат, дӯстдорӣ; **дилбастагӣ доштан** алоқаи маънавии сахт доштан ба касе; дилкашолӣ доштан.

**ДИЛБЕҲУЗУРӢ** دل‌بی‌حضوری ҳолати беҳузур шудани дил.

**ДИЛБЕҲУЗУРКУНАНДА** دل‌بی‌حضورکننده дили касро беҳузуркунанда, дилбеҷокунанда, қайовар.

**ДИЛБЕҶОКУНАНДА** دل‌بی‌جاکننده *ниг.* **дилбеҳузуркунанда**; **бӯи дилбеҷокунанда** бӯи нофорами беҳузуркунандаи дил.

**ДИЛБОЗ** دلباز 1. *кит.* дилбохта. 2. *маҷ.* дилкушо, васеъ, босафо.

**ДИЛБОЗӢ** دلبازی *кит.* ошиқӣ, ишқ варзидан.

**ДИЛБОХТА** دلباخته *сифати феълии замони гузашта аз* **дил бохтан**; ошиқ, шефта, шайдо: **ҷавони дилбохта**.

**ДИЛБОХТАГӢ** دلباختگی *шакли дигари сифати феълии замони гузашта аз* **дил бохтан**; сахт гирифтор будан ба ишқи касе ё чизе, ошиқӣ.

**ДИЛБУРДА** دلبرده дил дар қайду банди худ гирифта; ёр, маъшуқа.

**ДИЛБУРДАГӢ** دلبردگی дилрафтагӣ, дилдодагӣ, ишқу муҳаббат.

**ДИЛВАСЕЪ** دل‌وسیع бепарво, фориғбол, беғам; *муқоб.* **дилтанг**.

**ДИЛГАРМ** دلگرم дилбаста, моил, иштиёқманд; *муқоб.* **дилсард**.

**ДИЛГАРМӢ** دلگرمی дилбастагӣ, майл, рағбат; ҳусни таваҷҷӯҳ.

**ДИЛГАРОН** دل‌گران ранҷидахотир, озурда, малул.

**ДИЛГИР** دلگیر 1. ранҷида, озурдахотир. 2. зиқ, дилтанг; ғамгин, маҳзун; **дилгир кардан (намудан)** озурдахотир кардан, малул кардан; ғамгин кардан; **дилгир шудан** а) зиқ (дилтанг) шудан; б) рӯй гардонидан аз коре ба сабаби маъқул набудани он, безор шудан.

**ДИЛГИРӢ** دلگیری 1. дилтангӣ, зиқӣ, кароҳат, нафрат. 2. озурдагӣ, ранҷиш.

**ДИЛГИРКУНАНДА** دلگیرکننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **дилгир кардан**; кор ё чизи ба дил зананда, нофорам, ногувор; зиққунанда, хафакунанда; **манзараи дилгиркунанда**, **бозии дилгиркунанда**.

**ДИЛГИРОНА** دلگیرانه дилгиркунанда: **гапи дилгирона**, **кори дилгирона, дилгирона будан**.

**ДИЛГУДОЗ** دل‌گداز дилхарош, ғуссаовар, ҷонсӯз, риққатовар.

**ДИЛГУДОХТА** دلگداخته *ниг.* **дилгудоз**.

**ДИЛГУРУСНА** دل گرسنه *гуфт.* шикамгурусна.

**ДИЛДОДА** دلداده ошиқ, дилбаста, шефтаву шайдо: **ҷавони дилдода**.

**ДИЛДОДАГӢ** دلدادگی дилбастагӣ, шайдоӣ, ошиқӣ.

**ДИЛДОР** دلدار 1. маъшуқа, маҳбуба; ёр. 2. далер, боҷурат, диловар.

**ДИЛДОРӢ** دلداری 1. тасалло, дилбардорӣ. 2. ғамхорӣ; навозиш; **дилдорӣ кардан** ғамхорӣ кардан; меҳрубонӣ намудан.

**ДИЛДУЗД** دل دزد дилрабо, дилфиреб.

**ДИЛДӮЗ** دلدوز *кит.* 1. то ба мағзи дил фурӯ раванда. 2. *маҷ.* нуфузкунанда, таъсирнок; дилхарош.

**ДИЛЕР** *англ.* دیلیر ширкат ё шахсе, ки вазифаи миёнарави байни харидору фурӯшандаро иҷро мекунад; *муқ.* **даллол**.

**ДИЛЕРӢ** دیلیری *мансуб ба* **дилер**: **ширкати дилерӣ**.

**ДИЛЁБ** دلیاب моилкунанда, шахсе, ки бо ҳар васила (дили) одамонро ба худ моил мекунад.

**ДИЛЁБӢ** دلیابی дил ёфтан, ба худ моил кардан, хурсанд кардан.

**ДИЛЗАИФ** دل ضعیف он ки дилаш беқувват аст, заифдил.

**ДИЛЗАНӢ** دلزنی 1. задани дил, тапиши дил. 2. *маҷ.* шикоят аз касе.

**ДИЛЗИНДА** دلزنده *кит., ниг.* **зиндадил**; бедордил, чолок, фаъол.

**ДИЛКАНДА** دلکنده ҷудошуда, тарки касе ё чизе карда.

**ДИЛКАФ** دلکف **:дилкаф кардан** касеро сахт тарсонда ба дараҷаи марг расонидан; **дилкаф шудан** а) аз таъсири хабари нохуши ногаҳонӣ, воҳима, ғами зиёд *ва г.* якбора аз кор бозмондани дил; заҳракаф (гурдакаф) шудан; б) *маҷ.* сахт тарсидан.

**ДИЛКАШ** دلکش марғуб, дилрабо, дилпазир, хушоянд, дилписанд, дилнишин; ҷаззоб: **чеҳраи дилкаш, духтари дилкаш, боғи дилкаш, бӯи хуши дилкаш**.

**ДИЛКАШОЛ** دل کشال моил, толиб, иштиёқманд.

**ДИЛКАШОЛӢ** دل کشالی дилбастагӣ ба чизе; майлу хоҳиши зиёд ба чизе.

**ДИЛКУШО** دلکشا фараҳбахш, фараҳангез, рӯҳафзо, ҳаловатбахш: **баҳори дилкушо**, **боғи дилкушо**.

**ДИЛКУШОД** دل کشاد он ки дар дил ғараз, кинаю кудурат надорад, софдил; хуштабиат, кушодадил.

**ДИЛКУШОӢ** دلکشائی фараҳбахшӣ; дилхушӣ, хушнудӣ; **дилкушоӣ кардан** дилхушӣ кардан, хушнудӣ кардан.

**ДИЛКӮР** دل کور *кит.* 1. маҳрум аз ҳиссиёти қалбӣ, беҳис. 2. *маҷ.* ғофил, бебасират, каҷфаҳм.

**ДИЛМОНДА** دلمانده *сифати феълии замони гузашта аз* **дил мондан**; дилхунукшуда, майлу рағбатро нисбат ба чизе ё касе гумкарда: **дилмонда кардан, дилмонда шудан**.

**ДИЛМОНДАГӢ** دلماندگی *шакли дигари сифати феълии замони гузашта аз* **дил мондан**; дилхунукӣ, дилмонда будан.

**ДИЛМУРДА** دلمرده афсурдадил, ба зиндагӣ бешавқу завқ будан; *муқоб.* **зиндадил; дилмурда шудан** дилхунук шудан аз зиндагӣ.

**ДИЛМУРДАГӢ** دل مردگی шавқу завқ надоштан ба ҳаёт, бепарво будан ба лаззати зиндагӣ, афсурдагӣ.

**ДИЛНАВОЗ** دلنواز 1. навозишкор; дилором; меҳрубон, мушфиқ; **ёри дилнавоз** ёри меҳрубон, ёри дилписанд. 2. фараҳбахш, дилкушо, дилхушкунанда; ҳаловатбахш: **насими дилнавоз, оҳанги дилнавози мусиқӣ, овози дилнавози мурғон, табассуми ширини дилнавоз**. 3. *маҷ.* маҳбуба, маъшуқа.

**ДИЛНАВОЗӢ** دلنوازی навозишкорӣ; меҳрубонӣ, лутфу марҳамат.

**ДИЛНАРМ** دلنرم он ки дили нарм дорад, нармдил; меҳрубон, раҳмгин.

**ДИЛНАРМӢ** دلنرمی меҳрубонӣ, раҳмдилӣ, нармдилӣ.

**ДИЛНИГАРОН** دل‌نگران *кит.* мунтазир; умедвор; дилкашол.

**ДИЛНИГАРОНӢ** دل‌نگرانی *кит.* умедворӣ, ин-

тизор, чашмдорӣ ба роҳи касе.

**ДИЛНИШИН** دلنشین дилкаш, марғуб, дилчасп, дилписанд, мақбул: **навои дилнишин**.

**ДИЛНИШОН** دلنشان *ниг.* **дилнишин**.

**ДИЛНОЗУК** دل نازک он ки дилаш аз камтарин сухан ё рафтори беҷо меранҷад, ҳассос, зудранҷ, нозукдил.

**ДИЛНОЗУКӢ** دلنازکی дилнозук будан, зудранҷу ҳассос будан.

**ДИЛНОКАШ** دل ناکش кареҳманзар, безеб, хунукбашара; *муқоб.* **дилкаш**; **хӯроки дилнокаш** хӯроки бетаъму ногувор.

**ДИЛНОХОҲОНА** دل ناخواهانه бо дили нохоҳам, ғайри хоҳиш.

**ДИЛНОХУШ** دلناخوش нороҳат, ношод; *муқоб.* **дилхуш**.

**ДИЛНОХУШӢ** دلناخوشی нороҳатӣ, нохушнудӣ; *муқоб.* **дилхушӣ**.

**ДИЛОБКУНАНДА** دلآبکننده *гуфт.* ғамгинкунанда, аламовар, ҳузнангез.

**ДИЛОБХӮР** دلآبخور дилпуршаванда, боэътимод; **ҷои дилобхӯр** ҷои амн.

**ДИЛОВАР** دلاور шуҷоъ, далер, ҷасур, баҳодур: **мардуми дилован**.

**ДИЛОВАРӢ** دلاوری далерӣ, шуҷоат, ҷасурӣ: **диловарӣ кардан (намудан)**, **диловарӣ нишон додан**.

**ДИЛОВАРОНА** دلاورانه монанди диловарон, далерона: **диловарона кор кардан**.

**ДИЛОВЕЗ** دلاویز марғуб, дилкаш, дилнишин, дилписанд: **ашъори диловез, созу навои диловез**.

**ДИЛОВЕЗӢ** دلاویزی марғубӣ, дилписандӣ, дилкаш будан.

**ДИЛОГОҲ** دلآگاه 1. он ки аз ғаму асрори дигарон бохабар аст; дилёб, ғамхор. 2. доно, ҳушёр, донодил.

**ДИЛОГОҲӢ** دلآگاهی ҳушёрӣ, доно будан, дилогоҳ будан.

**ДИЛОЗОР** دل آزار он ки ё он чи боиси ранҷиши хотир мешавад, ситамгар, ҷафокор.

**ДИЛОЗОРӢ** دلآزاری озордиҳӣ; ситамгарӣ, бераҳмӣ, ҷафокорӣ.

**ДИЛОЗУРДА** دلآزرده *сифати феълии замони гузашта аз* **дил озурдан;** озордида, ранҷида, хафашуда, озурдахотир.

**ДИЛОЗУРДАГӢ** دلآزردگی *шакли дигари сифати феълии замони гузашта аз* **дил озурдан**; андӯҳгинӣ, дилозурда будан, озурдагии хотир, нороҳатӣ.

**ДИЛОМ I** دلام *кит., таър.* найзаи хурд, жӯпин (*аз олоти ҷангии қадима*).

**ДИЛОМ II** دلام *кит.* ҳила, фиреб.

**ДИЛОРО** دلآرا дилхушкунанда, дилкушо, дилписанд, дилкаш, нишотбахш: **боғи дилоро, мулки дилоро, ҳусни дилоро**. 2. *маҷ.* маҳбуба, маъшуқа.

**ДИЛОРОЙ** دلآرائی дилписандӣ, дилкашӣ, зебоӣ, дилоро будан.

**ДИЛОРОМ** دل آرام 1. он ки ба дил оромӣ мебахшад; оромбахш, соҳибҷамол: **маҳбубаи дилором**. 2. маъшуқ, маҳбуб; маъшуқа, маҳбуба.

**ДИЛОСО** دل آسا он ки ва ё он чи ба дил осоиш мебахшад; фараҳбахш, зебо, дилписанд: **боғи дилосо, ҳавои дилосо**.

**ДИЛОСОЙ** دلآسائی оромбахшӣ; ғамхорӣ; дилбардорӣ.

**ДИЛОСУДА** دلآسوده осудадил, хотирҷамъ, осудаҳол: **дилосуда гаштан**, **дилосуда нишастан**.

**ДИЛОШНО** دلآشنا меҳрубон, самимӣ, ҳамдил.

**ДИЛОШУФТА** دلآشفته ошуфтадил, парешон, шайдо.

**ДИЛОШӮБ** دلآشوب фаттон, дилрабо; ҳаяҷоновар: **чашмони шаҳло ва дилошӯб, назми дилошӯб, навою нағмаи дилошӯб**.

**ДИЛПАЗИР** دل پذیر хушоянд, мақбул, дилхоҳ, дилкаш, дилнишин, дилписанд; форам: **манзараи дилпазир, ҳусну таровати дилпазир, рафиқи дилпазир**.

**ДИЛПАЗИРӢ** دل پذیری дилписандӣ, хушояндӣ, мақбулӣ, дилкашӣ.

**ДИЛПИСАНД** دلپسند писандида, хушоянд, мақбул, дилхоҳ; хубу зебо: **боғи дилписанд, диёри дилписанд, манзараи дилписанд, суру-**

**ди дилписанд**.

**ДИЛПИСАНДӢ** دلپسندی писандидагӣ, хушояндӣ, зебоӣ.

**ДИЛПОК** دلپاک покдил, содиқ ва самимӣ, орӣ аз сифатҳои announcements нописанд.

**ДИЛПОКӢ** دلپاکی *киноя аз* ҳалолкорӣ, покдоманӣ, покизагӣ, бекинагӣ.

**ДИЛПОРА** دلپاره ғамгин, озурда, ошуфтадил.

**ДИЛПУР** دلپر боваридошта, итминондошта, мутмаин; **дилпур будан** боварӣ доштан, итминон доштан, мутмаин будан; **дилпур шудан** боварӣ пайдо кардан, итминон ҳосил кардан, мутмаин шудан.

**ДИЛПУРӢ** دلپری боварӣ, итминон, эътимод ба касе ё чизе; **бо дилпурӣ** дилпурона; **дилпурӣ доштан** боварӣ доштан, итминон доштан.

**ДИЛПУРОНА** دلپرانه бо эътимод; хотирҷамъона.

**ДИЛПУРСӢ** دلپرسی аҳволпурсӣ, хабаргирӣ; тасаллидиҳӣ.

**ДИЛПУРШАВАНДА** دلپرشونده *сифати феълии замони ҳозира аз* **дилпур шудан** (*ба касе*); боваринок, эътимоднок: **одами дилпуршаванда**.

**ДИЛРАБО** دلربا 1. дилбар, мафтункунанда, дилкаш; зебо, хушрӯ: **баҳори дилрабо, водии дилрабо, манзараи дилрабо, ҷамоли дилрабо**. 2. *маҷ.* маъшуқаи зебо, нигори нозанин.

**ДИЛРАБОЁНА** دلربایانه аз рӯи дилрабоӣ, нозанинона, дилбарона.

**ДИЛРАБОӢ** دلربائی дилрабо будан, дилбарӣ, фаттонӣ; зебоӣ.

**ДИЛРАБОЯНДА** دلرباینده мафтункунанда, дилфиребанда.

**ДИЛРЕШ** دلریش маҳзун, ғамгин, дилафгор, хастадил; озурда, ранҷур (*аз ғами ишқ ё нокомӣ*).

**ДИЛСАРД** دلسرد бешавқ, берағбат, бемайл, дилхунукшуда; бепарво ба касе ё чизе; **дилсард шудан** *аз касе ё коре* рӯй гардонидан аз касе ё коре; маъюсу ноумед шудан.

**ДИЛСАРДӢ** دل سردی *ниг.* **дилхунукӣ**.

**ДИЛСАРДОНА** دلسردانه бе майлу рағбат, бо дили ноxоҳам: **дилсардона пешвоз гирифтан, дилсардона кор кардан**.

**ДИЛСАФЕД** دلسفید дилсоф, некандеш, хушдил; *муқоб.* **дилсиёҳ**.

**ДИЛСАХТ** دل سخت бераҳму шафқат, сангдил.

**ДИЛСАХТӢ** دلسختی бераҳмӣ, сангдилӣ.

**ДИЛСИЁҲ** دل سیاه бадният, бадандеш, баддил; *муқоб.* **дилсафед**.

**ДИЛСИЁҲӢ** دلسیاهی нохушӣ, хафагӣ, ғамгинӣ.

**ДИЛСИТОН** دلستان *ниг.* **дилрабо**.

**ДИЛСОФ** دلصاف дилсафед, поктинат, поквиҷдон, беғараз.

**ДИЛСОФӢ** دلصافی дилсафедӣ, поктинатӣ, поквиҷдонӣ, беғаразӣ.

**ДИЛСОФОНА** دلصافانه *ниг.* **софдилона**; аз рӯи дилсофӣ.

**ДИЛСӮЗ** دل سوز он ки дилаш ба ҳоли дигарон месӯзад, раҳмдил, ғамхор, меҳрубон, мушфиқ: **модари дилсӯз, ёри дилсӯз, дилсӯзи халқ**.

**ДИЛСӮЗӢ** دلسوزی раҳмхӯрӣ, тараҳҳум, шафқат, меҳрубонӣ, ғамхорӣ; **дилсӯзӣ кардан** тараҳҳум кардан; ғамхорӣ зоҳир кардан.

**ДИЛСӮЗОНА** دل سوزانه 1. ғамхорона, аз рӯи меҳрубонӣ, бо ҳисси тараҳҳум: **дилсӯзона маслиҳат додан, дилсӯзона маслиҳат кардан**. 2. ба таври ҷонгудоз, ба таври ҳузновар; таъсирбахш.

**ДИЛСӮХТА** دلسوخته ғамгин, аламзада; озурдадил, дилшикаста: **модари дилсӯхта, ошиқи дилсӯхта**.

**ДИЛТАНГ** دلتنگ 1. зиқ, хафа, ғамгин. 2. он ки аз риоя нашудани тартиб ё бад иҷро шудани коре ба танг меояд ва дар ташвиш аст; *муқоб.* **дилвасеъ;** аз ҳад зиёд дақиқкор; инҷиқ; **дилтанг шудан** а) зиқ шудан, хафа шудан, ғамгин шудан; б) ба танг омадан.

**ДИЛТАНГӢ** دلتنگی дилтанг шудан, зиқӣ, хафагӣ, ғамгинӣ.

**ДИЛФАРОХ** دلفراخ дилвасеъ; *муқоб.* **дилтанг**.

**ДИЛФИГОР** دلفگار *ниг.* **дилафгор**.

**ДИЛФИРЕБ** دلفریب фиребанда, дилрабо; мақбул, хушнамуд: **манзараи дилфиреб, нигоҳи дилфиреб, оҳанги дилфиреб**.

**ДИЛФИРЕБӢ** دلفریبی мафтункунандагӣ, фаттонӣ, дилрабоӣ.

**ДИЛФИРЕБОНА** دلفریبانه аз рӯи дилфиребӣ, дилрабоёна.

**ДИЛХАРОБ** دلخراب дилафгор, дилозурда, маҳзун, дилреш.

**ДИЛХАРОБӢ** دلخرابی дилозурдагӣ, дилрешӣ, дилафгорӣ.

**ДИЛХАРОШ** دلخراش ҷонкоҳ, ҷонгудоз, пурсӯзу гудоз, риққатангез: **нолаи дилхарош, оҳанги дилхарош**.

**ДИЛХАСТА** دلخسته хастадил, дилафгор, дилреш, ғамгин; ранҷидахотир.

**ДИЛХАСТАГӢ** دلخستگی хастадилӣ, дилрешӣ, ранҷидахотирӣ, дилафгорӣ.

**ДИЛХИҶИЛ** دلخجل он ки аз кору рафтори худ дар хиҷолат аст, хиҷолатманд.

**ДИЛХИҶИЛӢ** دلخجلی хиҷолатмандӣ; ташвиш; хавотирӣ.

**ДИЛХОСТ** دلخواست *ниг.* **дилхоҳ**.

**ДИЛХОСТА** دلخواسته *ниг.* **дилхоҳ**.

**ДИЛХОҲ** دلخواه 1. он чи хости дил аст, мувофиқи табъи дил; чизи дилҷӯю дилкаш: **арӯси дилхоҳ, дӯсти дилхоҳ, ба таври дилхоҳ, ба қадри дилхоҳ; натиҷаи дилхоҳ** натиҷаи хубу матлуб; **бо дилхоҳи худ** ба ихтиёри худ, бо майлу хоҳиши худ. 2. *маҷ.* маҳбуба, маъшуқа.

**ДИЛХУН** دلخون сахт ғамгин, ниҳоят андӯҳгин; дилхаста, озурдадил: **дилхун будан; дилхун шудан // дилхун гаштан (гардидан)** а) сахт хафа (зиқ) шудан; азоб кашидан (*асосан рӯҳан*); б) ғаму ғусса хӯрдан.

**ДИЛХУНУК** دلخنک *ниг.* **дилсард**; **дилхунук шудан** *аз касе ё чизе* нисбат ба касе ё чизе берағбат, беҳавсала ё бепарво шудан; сард шудани меҳри касе ба касе ё чизе, дилсард шудан.

**ДИЛХУНУКӢ** دلخنکی дилхунук будан; дилхунук шудан; дилмондагӣ, дилсардӣ; нохушие, ки сабаби тарки алоқа шудааст.

**ДИЛХУШ** دلخوش хурсанд, хушнуд, хушҳол, шодмон: **дилхуш кардан, дилхуш шудан**.

**ДИЛХУШӢ** دلخوشی 1. хурсандӣ, хушнудӣ, вақтхушӣ: **дилхушӣ кардан**. 2. мояи дилхушӣ; он чи кас ба он дилбастагӣ дорад; **бо дилхушӣ // ба дилхушӣ** хушнудона, хушӣ ба хушӣ, ризомандона.

**ДИЛХУШКУНАНДА** دلخوش‌کننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **дилхуш кардан;** фараҳбахш, хурсандибахш, хушнудкунанда.

**ДИЛҲАЗИН** دلحزین ғамгин, андӯҳгин, дилхиҷил.

**ДИЛЧАСП** دلچسپ дилнишин, дилпазир, хушоянд, мақбул, марғуб; форам, дилкаш; ҷозибадор: **ашъори дилчасп, ташбеҳи дилчасп, услуби дилчасп, суруди дилчасп, садои дилчасп**.

**ДИЛЧАСПӢ** دلچسپی дилнишинӣ, дилпазирӣ, дилчасп будан.

**ДИЛЧОК** دلچاک *ниг.* **дилафгор**.

**ДИЛҶАВОН** دلجوان пири рӯҳан ҷавон, барнодил; *муқоб.* **дилмурда: пири дилҷавон, мӯйсафеди дилҷавон**.

**ДИЛҶАЗИР** دل جزیر *лаҳҷ.* дилафгор, дилхароб.

**ДИЛҶАМЪ** دلجمع *гуфт.* хотирҷамъ, осудахотир: **дилҷамъ будан аз чизе**.

**ДИЛҶАМЪӢ** دلجمعی *гуфт.* осуда будани хотир; тасаллои дил.

**ДИЛҶАМЪОНА** دلجمعانه *гуфт.* хотирҷамъона, осудахотирона.

**ДИЛҶӮ(Й)** دلجو(ی) 1. дилкаш, дилхоҳ, дилчасп, хубу марғуб: **баҳори дилҷӯ, оҳанги дилҷӯ, савти дилҷӯ, ёри дилҷӯ**. 2. тасаллобахш, дилбардор.

**ДИЛҶӮЁНА** دلجویانه меҳрубонона, навозишкорона.

**ДИЛҶӮӢ** دلجوئی дилбардорӣ; меҳрубонӣ, навозиш; тасаллодиҳӣ; **дилҷӯӣ кардан (намудан)** дилбардорӣ кардан, тасалло бахшидан; меҳрубонӣ (навозиш) кардан.

**ДИЛШИКАН** دلشکن *кит.* ғамангез, нохушиовар, номатбӯъ.

**ДИЛШИКАСТА** دل شکسته дилозурда, маъюс, навмедшуда, рӯҳафтода; ғамгин.

**ДИЛШИКАСТАГӢ** دلشکستگی дилозурдагӣ, маъюсӣ; ғамгинӣ.

**ДИЛШИКОР** دل شکار *мач.* дилрабо, дилфиреб, мафтункунанда.

**ДИЛШИКОРӢ** دلشکاری *мач.* дилрабоӣ, дилфиребӣ.

**ДИЛШОД** دلشاد 1. дилхуш, хушҳол, хушнуд, хурсанд, шодмон, хуррам: **дилшод кардан, дилшод шудан**. 2. хушнудона, хурсандона, хуррамона.

**ДИЛШОДӢ** دلشادی хурсандӣ, хушнудӣ: **айёми дилшодӣ**.

**ДИЛШОДКУНАНДА** دلشادکننده шодиовар, хурсандкунанда.

**ДИЛШОДОНА** دلشادانه хушнудона, фараҳманндона.

**ДИЛШУДА** دلشده *мач.* дилбохта, дилдода, ошиқ.

**ДИМ** دم ҳавое, ки нафаскаширо душвор мекунад, ҳавои нафастангкунанда: **шаби гарм ва дими тобистон**; **дим нишастан** *гуфт.* хомӯш нишастан; *муқ.* **дам нишастан**.

**ДИМНА** *а.* دمنه *кҳн.* 1. боқимондаи осори қадима, осори зисти мардум; харобаи биноҳои қадим, вайрона. 2. порутӯда, тӯдаи сангин, ахлоттеппа.

**ДИМОҒ** I *а.* دماغ бинӣ, машом: **ба димоғ гап задан**, **бӯи** *чизе* **ба димоғ расидан (задан)**.

**ДИМОҒ** II *а.* دماغ 1. мағз, мағзи сар. 2. *мач.* кайфият, ҳавсала; хоҳиш, табъ; **димоғи чоқ** *гуфт.* табъи хуш; **дилу димоғ** майлу хоҳиш, ҳавсала. 3. *гуфт.* такаббур, ғурур, каттагӣ; **бо димоғи сӯхта** бо табъи хира, бо дили хафа, ғамгинона; **димоғ кардан** *ба касе* қаҳру ғазаб кардан, ба касе хашмгин шудан; **димоғи** *касе* **сӯхтан** табъи касе хира шудан, хафа шудан, зиқ шудан, кайфи касе паридан; **димоғи** *касеро* **сӯзондан** табъи касеро хира кардан; **димоғи** *касе* **чоқ будан** хурсанд будан, хушвақт будани касе; **аз димоғ баромадан** аз хотирҳо дур шудан, аз ёд баромадан; **аз димоғ баровардан** аз ёд баровардан, фаромӯш кунонидан (*мас.,* машаққатеро); **ба димоғи** *касе* **халал расидан** аз ақл бегона шудан, ҷиннӣ шудан.

**ДИМОҒА** *а.* دماغه *ҷуғр.* қисми ба даруни баҳр ё кӯл даромадарафтаи хушкӣ.

**ДИМОҒБАЛАНД** دماغبلند ҳавобаланд, мутакаббир, калонгир.

**ДИМОҒӢ** دماغی 1. *мансуб ба* **димоғ**. 2. *кит.* фикрӣ, ақлӣ; **ҳамсадои димоғӣ** *збш.* овози ҳамсадое, ки бо иштироки холигии бинӣ ҳосил мешавад (*мас., н*).

**ДИМОҒОШУФТА** دماغآشفته парешонхотир, девонаавзоъ.

**ДИМОҒПАРВАР** دماغ پرور тарбияткунандаи рӯҳу равон, таъминкунандаи осоиши рӯҳ.

**ДИМОҒСӮЗ** دماغ سوز сӯзонандаи димоғ: **дуди димоғсӯз**.

**ДИМОҒСӮЗӢ** دماغ سوزی хафагӣ, зиқӣ.

**ДИМОҒСӮХТА** دماغ سوخته хафа, зиқ, ғамгин, бедимоғ, хиратабъ.

**ДИМОҒСӮХТАГӢ** دماغسوختگی хафагӣ, ғамгинӣ, бедимоғӣ, кайфпарида будан.

**ДИМОҒЧОҚ** دماغچاق хурсанд, шодмон, дилхуш.

**ДИМОҒЧОҚӢ** دماغچاقی хурсандӣ, шодмонӣ, дилхушӣ: **димоғчоқӣ кардан**.

**ДИМОР** *а.* دمار *кит.* 1. ҳалок, несту нобуд, маҳв. 2. дуд; ◻ **димор аз рӯзгори** *касе* **баровардан** ҷазои касеро додан; ҳалок кардан, куштан.

**ДИН** *а.* دین 1. эътиқод ба мавҷудияти қувваҳои фавқуттабиаи идоракунандаи олам, кеш, мазҳаб. 2. тариқ, роҳ; ойин, маслак.

**ДИНА** دینه рӯзи гузашта, дирӯз: **дина бегоҳӣ, дина пагоҳӣ, дина нисфишабӣ**.

**ДИНАКАК//ДИНАЯКАК** دینککک//دینیککک худи дина; чанд рӯзе пеш аз ин, андаке қабл аз ин.

**ДИНАМИКА** *ю.* دینمیکه *физ.* соҳаи механика, ки қонуни ҳаракати ҷисмҳоро вобаста ба қувваҳои ба онҳо таъсиркунанда меомӯзад.

**ДИНАМИКӢ** دینمیکی *марбут ба* **динамика**; пайваста, ба таври мутадовим.

**ДИНАМИТ** *ю.* دینمیت моддаи тарканда.

**ДИНАМО** *ю.* دینما 1. дастгоҳи табдили нерӯи барқ ба нерӯи механикӣ ё баръакс. 2. *ҷузъи пешини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* қувва: **динамометр, динамомошин**.

**ДИНАМОМЕТР** *ю.* دینامیتر *тех.* асбоби андо-

загирии қувваи механикӣ, қуввасанҷ.

**ДИНАРӮЗ** دينه روز дирӯз.

**ДИНАШАБ** دينه شب дишаб, шаби гузашта.

**ДИНАЯК** دينه يک *ниг.* **динакак**.

**ДИНБОВАР** دين‌باور диндор, мӯъмин, мутадайин.

**ДИНБОВАРӢ** دين باوری диндорӣ, диёнат.

**ДИНГИЛА** دنگيله :**дингила задан** *гуфт.* ҷастухез кардан ва лагад андохтани асп ва ё хар бо ҳар ду пои ақиб, ҷуфтак задан.

**ДИНДОР** ديندار он ки ба дин эътиқод дорад ва ба аҳкому усули он пайравӣ мекунад, мӯъмин, мутадайин.

**ДИНДОРӢ** دينداری диндор будан, эътиқод ба дин, худопарастӣ; тақводорӣ, порсоӣ.

**ДИНДОРОНА** ديندارانه аз рӯи диндорӣ; дорои хусусияти динӣ, мувофиқ ба дин.

**ДИНИЯ** دينيه *ниг.* **динӣ: заруриёти диния**.

**ДИНӢ** دينی *мансуб ба* **дин**: **маросими динӣ**.

**ДИНОАТ** *а.* دنائت *кит.* пастӣ, нокасӣ, сифлагӣ, пастфитратӣ.

**ДИНОВАР** دين آور *кит.* оварандаи дин, паёмбар.

**ДИНОЗАВР** *ю.* دنازور *биол.* ҷонвари хазандаи калонҷуссаи сусмормонанди давраи қадим.

**ДИНОР** *ю.* دينار 1. воҳиди пули баъзе кишварҳои арабӣ; пули майдаи Эрон, ки ба садяки риёл баробар аст. 2. *таър.* сиккаи тилло ё нуқра, ки дар замонҳои гуногун арзиши мухталиф дошт.

**ДИНОРБАХШ** ديناربخش *кит.* 1. бахшандаи динор, атокунандаи динор, яъне пулу сарват. 2. *маҷ.* саховатпеша, фароҳдаст.

**ДИНОРБОР** دينارْبار *кит.* боранда ва нисоркунандаи динор.

**ДИНОРГОН** دينارگان *кит.* ба арзиши динор; гаронбаҳо.

**ДИНОРГУН** دينارگون *кит.* тиллоранг, зардчаранг, ба ранги динор.

**ДИНОРӢ** ديناری *марбут ба* **динор**, диноргун.

**ДИНОРСАНҶ** دينارسنج диноршумур; зарсанҷ, сарроф; заршинос, иёргир.

**ДИНПАЗИР** دين پذير пазирандаи дин, қабулкунандаи дин.

**ДИНПАРАСТ** دين پرست *ниг.* **диндор**.

**ДИНПАРВАР** دين‌پرور пуштибони дин, ривоҷдиҳандаи дин.

**ДИНПАРВАРӢ** دين پروری пуштибонӣ аз дин, ҳимоя аз дин, ривоҷ додани дин.

**ДИНФУРӮШ** دين فروش он ки аз дини худ рӯ гардондааст; хиёнаткарда ба дини хеш.

**ДИНФУРӮШӢ** دين فروشی амали динфурӯш.

**ДИПЛОМ** *фр.* ديپلام 1. шаҳодатномаи расмӣ дар бораи тамом кардани мактаби олӣ ё миёнаи махсус; ҳуҷҷати расмӣ оид ба додани унвоне ё ягон дараҷаи илмӣ: **дипломи таҳсилоти олӣ, дипломи номзади илми тиб**. 2. ҳуҷҷати расмӣ (шаҳодатнома) иборат аз се дараҷа, ки ба ғолибони мусобиқаҳо, озмунҳо, намоишҳо *ва г.* дар бораи ишғол кардани се ҷои аввал дода мешавад: **дипломи дараҷаи якуми фестивал**.

**ДИПЛОМАТИЯ** *фр.* ديپلامتيه фаъолият ва усули корбарии ҳукумат тавассути сардори давлат ва идораҳои махсуси робитаҳои хориҷӣ дар ҷорӣ кардани сиёсати беруна ва байналхалқии давлат, инчунин ҳимояи манфиатҳои вай дар хориҷи кишвар.

**ДИПЛОМАТӢ** ديپلامتی *мансуб ба* **дипломатия**; **корпуси дипломатӣ** ҳайати намояндагии дипломатҳои муқими кишваре.

**ДИПЛОМДОР** ديپلامدار дорандаи диплом, соҳиби диплом: **мутахассиси дипломдор**.

**ДИПЛОМӢ** ديپلامی *мансуб ба* **диплом**; **кори дипломӣ** рисолаи таҳқиқотӣ, ки хатмкунандаи мактаби олӣ дар мавзӯи марбут ба ихтисоси худ таълиф мекунад.

**ДИПЛОМНАВИС** ديپلام‌نويس донишҷӯе, ки рисолаи дипломӣ менависад.

**ДИПЛОМНАВИСӢ** ديپلام‌نويسی амал ва кори дипломнавис.

**ДИРА** ديره *кит.* манзил, хона.

**ДИРАМ** *ю.* درم 1. тангаи нуқрагии қадим, сиккаи нуқра; пули танга; пул; **зи моҳӣ нашояд дирам хостан** (*зарб.*). 2. воҳиди пул дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба садяки сомонӣ баробар аст. 3. *кӯҳ.* воҳиди вазн, ки баробари 3,12 г. будааст.

**ДИРАМДОР** درم‌دار *кит.* пулдор; бадавлат.

**ДИРАМДӮСТ** درم‌دوست пулпараст; хасис, мумсик.

**ДИРАМЗАН** درم زن он ки пул сикка мезанад, саккок.

**ДИРАМРЕЗ** درم‌ریز *маҷ.* дасткушод, фароҳдаст, инъомгар, эҳсонкунанда, сахӣ.

**ДИРАМХАРИД** درم‌خرید *кит.* ғулом ё канизи ба пул харида, зархарид.

**ДИРАФШ** I درفش олати нӯгтези дастадоре, ки бештар мӯзадӯзон барои сӯрох кардани чарм ва гузаронидани сӯзан ба кор мебаранд, дарафш.

**ДИРАФШ** II درفش *кит.* парчам, ливо, байрақ: **дирафши ковиёнӣ, дирафши сурх**.

**ДИРАФШ** III درفش *кит.* дурахш, дурахшидан, тобандагӣ, дурахшиш.

**ДИРАФШИДАН** درفشیدن 1. дурахшидан, барқ задан, тобидан. 2. ларзидан; алвонҷ хӯрдани порчаи матоъ аз бод.

**ДИРАФШОН** درفشان дурахшон, равшан.

**ДИР-ДИР** دردر *калимаи тақлиди* овоз, ки як навъ ларзиши тезу пайиҳами баданро аз сармо, тарс ё бемории ифода мекунад: **дир-дир ларзидан**.

**ДИРЕКТОР** *лот.* دیریکتار сардори муассиса, идора ё мактаб, мудир, сарвар.

**ДИРЕКТОРӢ** دیریکتاری 1. *мансуб ба* **директор**: **маоши директорӣ**. 2. вазифа ва амали директор: **директорӣ кардан**.

**ДИРИЖАБЛ** *фр.* دیریژبل дастгоҳи парвозкунанда, ки дарунаш аз газ пур карда шуда, бо муҳаррик муҷаҳҳаз мебошад.

**ДИРИЖЁР** *фр.* دیریژیار он ки дирижёрӣ мекунад; роҳбари оркестр ё дастаи хор.

**ДИРИЖЁРӢ** دیریژیاری 1. роҳбарӣ кардан ба оркестр, ба дастаи хор, ансамбл *ва г.* ҳангоми таҳия ва иҷрои асари мусиқӣ. 2. *мансуб ба* **дирижёр**; вазифа ва амали дирижёр: **дирижёрӣ кардан**.

**ДИРИНГ-ДИРИНГ** درنگ‌درنگ *калимаи тақлиди овоз*, ки садои ноҷӯри асбобҳои мусиқии ториро ифода мекунад.

**ДИРОСАТ** *а.* دراست *кит.* 1. тадрис; таълим; сабақ додан ва сабақ гирифтан. 2. доноӣ.

**ДИРОЯТ** *а.* درایت *кит.* ақлу дониш; зиракӣ.

**ДИРРОС** درّاس *ниг.* **дир-дир; диррос задан (кардан)** ларзидан аз хунукӣ, тарс ё беморӣ.

**ДИРӮЗ** دیروز 1. рӯзи гузашта, дина: **дирӯз бегоҳӣ, дирӯз (пагоҳӣ)**. 2. гузаштаи наздик; **дирӯз боз** аз дирӯз сар карда, аз дирӯз ин ҷониб, аз дирӯз то ҳол; **дирӯзи озод** тамоми рӯзи гузашта, як рӯзи дароз.

**ДИРӮЗА** دیروزه 1. *мансуб ба* **дирӯз**; рӯзи гузашта рӯйдода: **борони дирӯза, маҷлиси дирӯза, мулоқоти дирӯза, ҳодисаи дирӯза**. 2. *маҷ.* собиқ, пештара: **бандаи дирӯза, тифли дирӯза**; **нисбат ба дирӯза** назар ба рӯзи гузашта, дар муқоиса бо рӯзи гузашта.

**ДИРӮЗАКАК** دیروزکک *гуфт.* худи дирӯз; чанд рӯз пеш аз ин, андаке қабл аз ин.

**ДИРӮЗИНА** دیروزینه *мансуб ба* **дирӯз**; дирӯз рӯйдода, дирӯз воқеъшуда.

**ДИРӮЗӢ** دیروزی *ниг.* **дирӯза** 1.

**ДИРҲАМ** *ю.* درهم *ниг.* **дирам**.

**ДИРЪ** *а.* درع *кит.* зиреҳ, ҷавшан.

**ДИРЪПӮШ** درع پوش зиреҳпӯш.

**ДИСК** *ю.* دیسک 1. қурси тунук. 2. *варз.* қурси чӯбӣ, ки гирди он бо оҳан печонида шудааст ва ҳамчун асбоби ҳаво додан ба дурӣ ба кор меравад.

**ДИСКОТЕКА** *ю.* دیسکاتیکه 1. клуб ё тарабхонаи ҷавонони мусиқидӯст. 2. маҷмӯи қарта ва наворҳои мусиқӣ.

**ДИСОР** *а.* دثار либоси рӯ; ҷома.

**ДИСПАНСЕР** *фр.* دیسپنسیر *тиб.* муассисаи махсуси тиббӣ барои табобат ва пешгирӣ кардани баъзе бемориҳо бо роҳи муоинаи доимӣ: **диспансери бемориҳои пӯст, диспансери бемории сил**.

**ДИССЕРТАТСИЯ** *лот.* دیسیرتتسیه рисолаи илмӣ, ки барои гирифтани дараҷаи илмӣ таълиф шудааст: **диссертатсияи докторӣ**.

**ДИССИМИЛЯТСИЯ** دیسیمیلیتسیه *лот.* 1. тағйироте, ки монандии чизҳоро аз байн мебарад; фарқ пайдо кардан. 2. *збш.* як навъи тағйир ёфтани овозҳо ҳангоми нутқ, ки аз ду овози монанд ва ё якхелаи калима яке ба овози дигар бадал мешавад (*мас., анбор – амбор*).

**ДИСТИЛЛЯТСИЯ** دیستیلیتسیه *лот., ниг.* **тақтир**.

**ДИФЛО** *а.* دفلا//دفلی *кит., бот.* гиёҳи заҳрдоре, ки барои ҳайвонот марговар аст, харзаҳра.

**ДИФОЪ** *а.* دفاع мудофиа, ҳимоя: **дифои ватан, дифоъ кардан, рисолаи номзадӣ дифоъ кардан**.

**ДИФТОНГ** *ю.* دیفتانگ *збш.* ба ҳам пайваста омадани ду садонок дар як ҳиҷо.

**ДИФФЕРЕНСИАЛ** *лот.* دیفیرینسئل 1. *риёз.* асоситарин қисми хаттии афзоиши бузургии тағйирёбанда (функсия). 2. *тех.* механизми автомобил, трактор *ва г.,* ки ба воситаи он ду чархи ба як тир пайвасташуда бо суръатҳои гуногун гирд гашта метавонанд.

**ДИФФЕРЕНСИАЛӢ** دیفیرینسئلی 1. *риёз. мансуб ба* **дифференсиал**. 2. вобаста ба шароит фарқкунанда.

**ДИФФУЗИЯ** *лот.* دیفوزیه *физ.* ба ҳам омехта шудани молекулаи як модда ба моддаи дигар дар натиҷаи ҳаракат бо таъсири гармӣ.

**ДИҲАНДА** دهنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **додан**. 2. супоранда, тақдимкунанда.

**ДИҲИШ** دهش 1. *исми феълӣ аз* **додан**. 2. *кит.* бахшиш, ато: **доду диҳиш**.

**ДИШАБ** دیشب шаби гузашта, дина шаб.

**ДИШАБА** دیشبه *гуфт. мансуб ба* **дишаб**; дишаб рӯйдода: **воқеаи дишаба, сӯҳбати дишаба**.

**ДИЯТ** *а.* دیت *кит.* хунбаҳо, товони хун.

**ДИЯТСИТОН** دیت ستان диятгир; қасосгир.

**ДӢ** دی *кит.* дина, дирӯз, рӯзи гузашта.

**ДОББА** *а.* دابّه *кит.* ҳайвони (чорпои) саворӣ ва боркаш; ҳайвон: **доббаи баҳрӣ**.

**ДОВ** داو 1. навбати гашт дар бозии шоҳмот ва нард; навбати бозӣ дар қимор. 2. зиёд кардани пули ба қимор мондашуда (сарқимор). 3. *кит.* даъво; иддао; ◊ **дову дастгоҳ** *гуфт.* а) асбобу анҷом, абзор, асбобу ускуна; б) *маҷ.* хонаву дар, чизу чора.

**ДОВАР** داور 1. *кит.* он ки одилона ҳукм мекунад, соҳиби адлу дод. 2. сифати Худо. 3. ҳакам дар бозиҳои варзишӣ; **ҳайати доварон** гурӯҳи ҳакамон, ки дар мусобиқаҳо ғолибонро муайян мекунанд.

**ДОВАРГОҲ** داورگاه маҳал ва ҷои довариву муҳокима.

**ДОВАРӢ** داوری 1. *кит.* одилона ҳукм кардан. 2. амалу вазифаи ҳакам. 3. *маҷ.* душманӣ, хусумат, низоъ.

**ДОВТАЛАБ** داوطلب талабгори гирифтани унвон ва мақоме дар мусобиқаю озмунҳо; бо майлу иродаи худ анҷоми кореро ба ӯҳда гирифта.

**ДОВТАЛАБӢ** داوطلبی талабгорӣ, довталаб будан.

**ДОВТАЛАБОНА** داوطلبانه ҳамчун довталаб, ба сифати талабгор, бо хоҳиш ва иродаи худ.

**ДОГМА** *ю.* داگمه таълимот ё ақидае, ки бидуни таҳқиқ аз рӯи эътиқоди кӯр-кӯрона барои ҳамаи замон ва шароити таърихӣ ҳамчун ҳақиқати бебаҳсу тағйирнопазир қабул карда мешавад.

**ДОГМАТИЗМ** *ю.* داگمتیزم тарзи фикр ва муҳокимаронии ғайританқидӣ дар асоси догма.

**ДОГМАТИКӢ** داگمتیکی *мансуб ба* **догматизм**: **тафаккури догматикӣ**.

**ДОҒ** داغ 1. сахт тафсонидашуда, гудохта; сӯзон, хеле гарм: **равғани доғ**. 2. нишона ва лаккае, ки дар ҷое ё чизе мондааст (*мас., нишонаҳои захм ва ҷароҳат дар бадан, лаккаи равған ё чирк дар либос ва г.*), асар, нақш; **доғи бадномӣ** асари бадномӣ, нишонаи шармандагӣ. 3. ҷои тамға, ки бо оҳани тафсон ба рони чорпоёни гала зада шудааст; тамғае, ки дар қадим ба даст, пешонӣ ё тахтапушти бандиёну ғуломон зада мешуд. 4. *маҷ.* ғаму андӯҳ, аламу ҳасрати сахт ва азоби қалбӣ, ки аз марги фарзанд ё волидайн, ҳиҷрону фироқ ё рашки касе пеш меояд: **доғи фарзанд, доғи модар, доғи фироқ, доғи ҳаҷр, доғи ҳиҷрон**; **дарду доғ дидан** ҳасрати сахт кашидан, алами фироқ ё марги каси наздики худро аз сар гузаронидан; **доғи** *касеро* **тоза кардан** ғаму ҳасрати фаромӯшшудаи касеро

боз ба хотир овардан. 5. *маҷ.* бадномӣ, айб; нанг. 6. *тиб.* нишонаҳои гуногунранг дар рӯи пӯсти инсон, ки бо иллате пайдо мешавад; **доғи кунҷитак** *ниг.* **кунҷитак**; **доғи нағзак** *ниг.* **нағзак**; **доғи обила** *ниг.* **обила**; **доғи нағзакдор** обиларӯй; **доғ кардан** а) лаккадор кардан; чиркин кардан; б) тафсондан, гудохтан (равғанро); **доғ шудан** а) гудохта шудан, тафсонда шудан; б) аз шиддати дард сӯхтан (*махсусан аз дарди ишқ ё орзуи висол*); ғусса хӯрдан (*аз ҳасаду рашк*). 7. он чи таваҷҷӯҳ ва диққати ҳамагонро ҷалб намуда, боиси баҳсу мунозираҳои шадид мегардад.

**ДОҒГАР** داغگر он ки ба ҳайвонот ва асирон тамға мезанад, тамғагузоранда, тамғазан.

**ДОҒГАҲ** داغگه *ниг.* **доғгоҳ**.

**ДОҒГИРИФТА** داغ گرفته доғдор, дорои доғу нишонаҳои гуногун, ки болои чизе пайдо мешавад, лаккадор.

**ДОҒГОҲ** داغگاه ҷое, ки ба аспу шутур *ва г.* тамға мезананд.

**ДОҒДИДА** داغدیده ғамдида, ғамзада, андӯҳгин.

**ДОҒДИЛ** داغدل *маҷ.* дилафгор, дилреш; ғамгин, андӯҳгин.

**ДОҒДОҒ** داغ داغ 1. сӯзон будан, дар ҳоли доғ будан, ҳарорати зиёд доштан. 2. худнамоӣ кардан, чизеро бо ҳавас нишон додан.

**ДОҒДОР** داغ دار 1. дорои доғ. 2. *маҷ.* бо ғаму андӯҳ, он ки ба бадбахтие гирифтор шудааст.

**ДОҒЗАН** داغ زن *ниг.* **доғгар**.

**ДОҒӢ** داغی 1. доғ будан, дорои гармии зиёд; нишондор, доғдор. 2. *ниг.* **сӯхтанӣ**.

**ДОҒКАРДА** داغ کرده 1. дорои нишони доғ. 2. *маҷ.* ғулом, банда.

**ДОҒОБ** داغآب хате, ки баландтарин сатҳи обро дар ҷӯю дарё, обгир, кӯлу бандҳои об нишон медиҳад.

**ДОҒОҲАН** داغ آهن оҳани доғ, оҳане, ки ба василаи он доғ мегузоранд.

**дод** داد *асоси замони гузашта аз* **додан**.

**ДОД I** داد 1. бахшиш, ато; инъом. 2. адл, инсоф, адолат; **дод густурдан** адлу инсоф пойдор кардан, адолат ба кор бурдан; **дод додан** қатъи низоъ кардан; адолат ба кор бурдан, ҳукм ба тарафи ҳақ кардан; **доди** *касеро* **додан** шафқат намудан ба касе, адлу инсоф ба кор бурдан нисбат ба касе; **дод ёфтан** аз адлу инсоф баҳравар шудан; **дод кардан** адлу адолат кардан, инсоф кардан; **дод парвардан** адл кардан, адолат кардан; **дод хостан** додхоҳӣ кардан, додрасӣ талаб кардан; инсоф талабидан. 3. ростӣ; ҳақиқат; ◊ **доду диҳиш** бахшиш; саховат, хайру эҳсон; **доду ситад** доду гирифт; **дод гирифтан** *ниг.* **дод ситондан**; **доди** *чизе* **додан** а) ба чизе аҳамияти махсус додан, бисёр машғул шудан бо чизе; дар коре аз ҳад гузаштан, кореро аз ҳад гузарондан; кореро ба ниҳояти дараҷа расондан; б) насиба додан, баҳрабар кардан; **доди сухан (суханварӣ) додан** беҳтарин каломи бадеӣ офаридан; суханварӣ кардан, дар калом фасоҳату балоғат ба кор бурдан; **дод ситондан** интиқом гирифтан, қасос гирифтан; **доди сухан ҷустан** дар суханронӣ маҳорат нишон додан, суханварӣ талаб кардан, дар сухан маҳорат талаб намудан.

**ДОД II** داد 1. фиғон, нола; шикоят. 2. арзи касеро шунидан; **ба дод овардан** *касеро* ба танг овардан; касеро сахт азоб додан; **ба дод омадан** аз дасти касе (аз ҷаври касе) ба танг омадан; аз зулму бедодгарии касе ба ҷон сер шудан. 3. *калимаи нидо* вой! фарёд! (*изҳори таассуф*); **доду фарёд** фиғону нолаи шикоятомез; **дод гуфтан (задан)** фарёд кардан; **ба доди** *касе* **расидан** шикояти касеро ба эътибор гирифтан.

**ДОДА** داده *сифати феълии замони гузашта аз* **додан**: **дода шудан** *ба чизе* мафтун шудан; мубтало (гирифтор) шудан.

**ДОДАГӢ** دادگی *шакли дигари сифати феълии замони гузашта аз* **додан: одами хабар додагӣ**.

**ДОДАН** دادن 1. ба ихтиёри касе вогузоштан, супурдан: **ба мактаб додан, ба дасти** *касе* **додан** (*чизеро*); бахшидан, ато кардан: **зиндагӣ додан, ҳаёт додан, шифо додан**. 2. *маҷ.* ба шавҳар додан, ба қайди никоҳи касе даровардан (-и духтаре). 3. *маҷ.* гуфтан: **салом додан, дашном додан, ҳақорат додан**. 4. ниҳодан, гузоштан; соҳиб кардан: **лақаб додан, ном додан, унвон додан**. 5. баровардан: **садо додан (-и дойра)**, **овоз додан** а) садо баровардан (*мас., барои худро маълум кардан*

*дар торикӣ*); б) раъйи худро баён намудан вақти интихобот, раъйпурсӣ ё ба овоз мондани масъалае, раъй додан. 6. барпо кардан, оростан: **зиёфат додан**, **тӯй додан**. 7. *чун феъли ёридиҳанда таркибҳои гуногуни феълӣ месозад*: **анҷом додан, бой додан, ваъда додан, сар додан, тан додан, ҷо додан** *ва г.* 8. *ҳамчун феъли ёридиҳанда дар таркибҳои феълиҳолӣ маънои барои шахси дигар иҷро шудани амалеро ифода мекунад:* **фаҳмонда додан, хонда додан, заҳр додан**; **маъно додан** маъноеро ифода кардан, маъноеро фаҳмондан; **розигӣ додан** изҳори розигӣ кардан; **ҷон додан** а) ҷон нисор кардан, ҷонро фидо кардан; б) ҷон супурдан, мурдан: **бемор дар нисфи шаб ҷон дод**; в) *киноя аз* ҷон бахшидан, зинда кардан: **канали нав ба заминҳои мурда ҷон дод**.

**ДОДАНӢ** دادنی *сифати феълии замони оянда аз* **додан**; додан хостан; он чи бояд дода шавад.

**ДОДАР** دادر 1. писари як падару модар нисбат ба писару духтари дигари онҳо, бародар; бародари хурдӣ, уко; **додари айнӣ // додари зоида // додари ҳамхун // додари ҳамтан** бародари аз як падару модар рӯида нисбат ба дигаре, бародари модаряк; **додари сабабӣ** додархонд. 2. *маҷ.* дӯст, ҷӯра, рафиқи наздик (*одатан ҳамчун мухотаб дар муроҷиат ба марди бегона ба кор мебаранд*); **додари қиёматӣ** додархонди якумрӣ; дӯсти ниҳоят наздик.

**ДОДАРАК** دادرک *шакли тасғир ва навозишии* **додар**.

**ДОДАРАРӮС** دادرعروس додари арӯс ё зан нисбат ба хешони домод ё шавҳар.

**ДОДАРЗОДА** دادرزاده фарзанди бародар, бародарзода.

**ДОДАРӢ** دادری 1. *мансуб ба* **додар**; бародарӣ. 2. *маҷ.* меҳрубонӣ, самимият.

**ДОДАРОНА** دادرآنه ба мисли додар, ҳамчун додар, бародарона, бародарвор.

**ДОДАРХОНД(А)** دادرخواند//دادرخوانده марде, ки аз тарафи дӯсте ба бародарӣ баргузида шудааст, он ки бародар хонда шудааст, бародархонд.

**ДОДАРШӮЙ** دادرشوی додари шавҳар нисбат ба зан, бародаршӯй.

**ДОДБАХШ** دادبخش *кит.* 1. додгар, оди. 2. *сифати* Худо.

**ДОДБАХШӢ** دادبخشی боадолатӣ, адолатпешагӣ, рафтори одилона.

**ДОДБЕГӢ** دادبیگی *таър.* амалдоре, ки ҳаллу файсалаи мурофиаи мардум ба ӯ вогузор карда мешуд.

**ДОДВАР** دادور *кит.* додрас, одил.

**ДОДГАР** دادگر 1. *кит.* одил, адолатпеша. 2. *сифати* Худо. 3. *кҳн.* қозӣ.

**ДОДГАРӢ** دادگری 1. *мансуб ба* **додгар**; адлу инсоф кардан. 2. одилӣ, адолатпешагӣ.

**ДОДГОҲ** دادگاه *ниг.* **суд; додгоҳи ҳарбӣ** суди ҳарбӣ.

**ДОДГОҲӢ** دادگاهی *мансуб ба* **додгоҳ**; кор ё чизе, ки ба додгоҳ тааллуқ дорад.

**ДОДГУСТАР** دادگستر одил, адолатпеша, адолатпарвар, додгар.

**ДОДГУСТАРӢ** دادگستری 1. *ниг.* **додгарӣ**. 2. *ниг.* **адлия**.

**ДОДГӮ** دادگو 1. фарёдкунанда, ба ёрӣ даъваткунанда. 2. *кит.* адолатхоҳ, додҷӯ.

**ДОДГӮЙ** دادگوئی 1. доду фарёд. 2. адолатҷӯӣ, додхоҳӣ, додҷӯӣ.

**ДОДЗАНАНДА** دادزننده *ниг.* **додгӯ**.

**ДОДЗАНӢ** دادزنی *ниг.* **додгӯӣ**.

**ДОДНОМА** دادنامه 1. ҳалномаи суд, қарори маҳкама ва додгоҳ. 2. шикоят, шикоятнома. 3. қонуннома.

**ДОДО** دادا *ниг.* **дадо**.

**ДОДОР** دادار *кит.* адолатпеша, одил (*сифати Худо*).

**ДОДОФАРИД** دادآفرید 1. *кит.* яке аз лаҳнҳои мусиқии қадими эронӣ. 2. *маҷ.* овози хуш.

**ДОДОФАРИН** دادآفرین парварандаи адолат (*сифати Худо*).

**ДОДПАНОҲ** دادپناه адолатпаноҳ, пуштибони адолат (*сифати Худо*).

**ДОДПАРАСТ** دادپرست адолатпараст, хоҳони додгустарӣ, пуштибони адолат.

**ДОДПАРВАР** دادپرور *ниг.* **додвар**.

**ДОДПАРВАРӢ** دادپروری додпарвар будан, адолатпарварӣ, одил будан.

**ДОДПОК** دادپاک одили комил, он ки адолатро пурра ва комилан риоя мекунад.

**ДОДРАС** دادرس фарёдрас; дастгири мазлумон, мададгори ҷабрдидагон.

**ДОДРАСӢ** دادرسی ба фарёди касе расидан, фарёдрасӣ; амали додрас.

**ДОДСАРО(Й)** دادسرا(ی) *кит.* додистон, маҳалли иҷрои адолат, ҷои доварӣ.

**ДОДСИТОН** دادستان *ниг.* **прокурор**.

**ДОДСИТОНӢ** دادستانی *ниг.* **прокуратура**.

**ДОДУГИРИФТ** دادوگرفت мубодила; муомила; харидуфурӯш, савдо: **додугирифт доштан бо** *касе*, **додугирифт кардан**.

**ДОДУСИТАД** دادوستد *ниг.* **додугирифт**.

**ДОДХОҲ** دادخواه 1. адолатхоҳ, адолатталаб; шикояткунанда аз зулм. 2. одил, додрас, фарёдрас. 3. *таър.* амалдори аморати Бухоро, ки вазифааш ба амир расонидани арзу шикояти додхоҳон ва ба онҳо расонидани ҷавоби амир буд.

**ДОДХОҲӢ** دادخواهی адолатхоҳӣ, адолатталабӣ, инсофҷӯӣ; шикоят аз зулм; **аризаи додхоҳӣ** аризаи шикоятӣ аз зулму ҷавре; **додхоҳӣ кардан** шикоят кардан барои дафъи зулм.

**ДОДҶӮ** دادجو *ниг.* **додхоҳ** 1.

**ДОИМ** *а.* دائم ҳамеша, мудом, ҳама вақт, ҷовидон.

**ДОИМАН** *а.* دائماً ба таври доимӣ, ҷовид, ба таври абадӣ.

**ДОИМБАҲОР** دائم‌بهار *ниг.* **ҳамешабаҳор**.

**ДОИМИЯТ** *а.* دائمیت ҷовидӣ, пойдорӣ.

**ДОИМӢ** دائمی 1. ҳамешагӣ; *муқоб.* **муваққатӣ: кори доимӣ**, **назорати доимӣ**, **манзили доимӣ**. 2. ивазнашаванда, тағйирнаёбанда; **узви доимӣ** узви тағйирнаёбанда, узви ҳамеша; **намояндаи доимӣ** шахси расмие, ки бо маъмурияте барои муддати тӯлонӣ ба ҷое фиристода мешавад ва муқими он ҷо мегардад. 3. ба таври ҳамешагӣ, доиман; **ба таври (тариқи) доимӣ** ба таври ҳамешагӣ; умрбод, абадӣ; **бузургии доимӣ** андозае, ки дар рафти ягон ҷараёни техникӣ қимати худро собит нигоҳ медорад; *муқоб.* **бузургии тағйирёбанда**; **ҷараёни барқи доимӣ** *физ.* ҷараёни барқи тағйирнаёбанда, ҷараёни барқи собит.

**ДОИМО** دائما ҳамеша, ҳама вақт.

**ДОИР** *а.* دائر 1. даврзананда, гардон, чархзананда. 2. вобаста, мутааллиқ; оид; **доир ба...** вобаста ба..., мутааллиқ ба...; дар бораи..., оид ба...; **доир кардан** а) ба ҳаракат даровардан, ба кор андохтан; фаъол кардан; б) барпо кардан, шурӯъ ба кор кардан, ба фаъолият оғоз кардан.

**ДОИРА** I *а.* دائره 1. хати гирде, ки бо паргор кашида мешавад. 2. сатҳе, ки хати гирд онро иҳота кардааст. 3. ҳалқа, давра; маҳфил. 4. *маҷ.* гурӯҳи одамоне, ки манфиат ва касбу корашон як аст: **доираҳои расмӣ, доираҳои тиҷоратӣ**, **доираҳои ҳарбӣ**, **доираҳои ҳолдон**. 5. ҳад, ҳудуд: **дар доираи шаҳр будани корхона, аз доираи вазифа берун будани коре**. 6. *дар ибораҳои истиоравӣ ба маънои* дараҷаи фарогирӣ, андозаи дарбаргирии чизе *истеъмол мешавад:* **доираи фаъолият**, **доираи дониш**, **доираи фаҳмиш**, **танг будани доираи фаъолияти** *касе*; **доираи адабӣ** муҳити адабӣ; **доираи одоб** ҳадди риояти одоб; **доираи назар** дараҷаи иҳотаи дониш, савияи фаҳм, ҷаҳонбинӣ; **аз доирае баромадан** аз қатори... баромадан; аз муҳите хориҷ шудан; **ба доирае даромадан** ба гурӯҳе дохил шудан, ба маҳфиле даромадан.

**ДОИРА** II *а.* دائره *ниг.* **дойра**.

**ДОИРАВОР** دائره‌وار *ниг.* **дойравор**.

**ДОИРАГӢ** دائره‌گی *ниг.* **дойрагӣ**.

**ДОИРАЗАН** دائره‌زن навозандаи доира.

**ДОИРАКАШ** دائره‌کش *ниг.* **дойракаш**.

**ДОИРАМОНАНД** دائره‌مانند доирашакл.

**ДОИРАНАВОЗ** دائره‌نواز *ниг.* **дойразан, дойрадаст**.

**ДОИРАНАВОЗӢ** دائره‌نوازی *ниг.* **дойразанӣ, дойрадастӣ**.

**ДОИРАТУЛМАОРИФ** *а.* دائرت‌المعارف *ниг.* **донишнома**.

**ДОИРАШАКЛ** دائره‌شکل гирд, гирда, мудаввар; ҳалқамонанд.

**ДОИЯ** *а.* داعیه *кит.* 1. хоҳиш, ирода; қасду оҳанг. 2. даъво, иддао. 3. сабаб, боис, мӯҷиб.

**ДОӢ** I *а.* داعی 1. *кит.* дуогӯй, дуокунанда. 2. *кҳн.* он ки дар байни пайравони дину оини дигар таблиғоти динӣ мебарад (*ба нафъи дину мазҳаби худ*), он ки дигаронро ба дину оини худ даъват мекунад. 3. *мақ.* камина, банда, ман (*одатан муаллиф барои изҳори хоксории худ менависад*).

**ДОӢ** II دایی *кит.* 1. *ниг.* **доя**. 2. тағо, додари модар.

**ДОЙРА** *а.* دایره асбоби мусиқии зарбӣ, ки ба як тарафи чанбари чӯбин пӯсти пашмаш тарошидаро таранг мекашанд ва менавозанд, даф; ◊ **ба дойраи** *касе* **бозӣ кардан (рақсидан)** аз рӯи нишондоди касе кору рафтор кардан; зери таъсири касе будан.

**ДОЙРАБАЗМ** دایره بزم *ниг.* **базм (-и дойрагӣ)**.

**ДОЙРАВОР** دایره‌وار ба монанди дойра, мисли дойра.

**ДОЙРАГӢ** دایرگی *мансуб ба* **дойра**: **базми дойрагӣ**.

**ДОЙРАДАСТ** دایره‌دست он ки дойра мезанад, навозандаи дойра.

**ДОЙРАДАСТӢ** دایره‌دستی ҳунар ва шуғли дойрадаст; навохтани дойра.

**ДОЙРАЗАН** دایره‌زن *ниг.* **дойрадаст**.

**ДОЙРАЗАНӢ** دایره‌زنی *ниг.* **дойрадастӣ**.

**ДОЙРАКАШ** دایره‌کش устое, ки ба дойра пӯст мекашад.

**ДОЙРАНАВОЗ** دایره‌نواز *ниг.* **дойрадаст**.

**ДОЙРАНАВОЗӢ** دایره‌نوازی *ниг.* **дойрадастӣ**.

**ДОЙРАХАБАР** دایره‌خبر 1. он ки ба базму тӯйҳо садои мусиқиро шунида, барои тамошои рақсу суруд меравад: **тамошобини дойрахабар**. 2. он ки ба базму тӯй *ва г.* бе даъват меравад: **меҳмони дойрахабар**.

**ДОКА** داکه навъи матои тунуки нафис, ки аз нахи пахта бофта мешавад: **дока барин сафед**, **рӯмоли (қарси) дока**.

**ДОКАГӢ** داکگی аз дока дӯхташуда, аз дока тайёр шуда: **даҳонбанди докагӣ**.

**ДОКАПЕЧ** داکه‌پیچ бо дока печонида, бо тасмаи докагӣ печонида: **докапеч кардан**.

**ДОКТОР** *лот.* داکتار 1. *ниг.* **духтур**. 2. дараҷаи олии илмӣ, ки ба шахси дифоъкардаи рисолаи докторӣ дода мешавад; он ки соҳиби дараҷаи докторӣ аст: **доктори илми филология**, **доктори илми таърих**.

**ДОКТОРАНТ** *лот.* داکتارنت он ки барои тайёр кардани рисолаи докторӣ ба муассисаи илмие вобаста карда шудааст (*ба мӯҳлати муайян*).

**ДОКТОРАНТУРА** *лот.* داکتارنتوره тартиби муайяни тайёр кардани докторҳои илм дар назди муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ.

**ДОКТОРӢ** داکتاری *мансуб ба* **доктор**; **рисолаи докторӣ** асари илмӣ, ки барои гирифтани дараҷаи доктори илм таълиф шудааст.

**ДОҚЁНУС//ДОҚИЁНУС** داقیانوس *ниг.* **дақёнус**.

**ДОҚЁНУСӢ** داقیانوسی *ниг.* **дақёнусӣ**.

**ДОЛ** I دال 1. *ҳарфи даҳуми алифбои арабии тоҷикӣ, ки дар алифбои кириллии тоҷикӣ муодили «д» аст*; **доли абҷад** ҳарфи чоруми калимаи абҷад; **доли мӯҳмала** (*ё* **ғайри манқута**) доли бенуқта – номи ҳарфи د дар алифбои арабии тоҷикӣ, ки агар ба болои он як нуқта гузошта шавад, ҳарфи ذ (зол) ҳосил мешавад. 2. *киноя аз* хамидагӣ, каҷии қад; **ду дол** *киноя аз* зулфони хамидаи маъшуқа; **дол шудан** хамидан, хамидақомат шудан.

**ДОЛ** II دال **:долу дарахт** растанӣ, наботот.

**ДОЛ** III دال **:долу зарб** ҷӯшу хурӯш, авҷи коре: **дар айни долу зарби кор**.

**ДОЛ(Л)** *а.* دال *кит.* далолаткунанда; раҳнамо, ҳодӣ.

**ДОЛАК** دالک *ниг.* **дорак**.

**ДОЛЛАР** *англ.* دالّر воҳиди пули Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва баъзе давлатҳои дигар, ки ба сад сент тақсим мешавад.

**ДОЛОН** دالان роҳрави болопӯшида; гузаргоҳи болопӯшида; даҳлез.

**ДОМ** I دام 1. олате, ки бо он ҷонваронро сайд мекунанд *аз қабили* қапқон, каманд, тӯр *ва г.*: **доми бедона, дом гузоштан**. 2. банд, қайд; *ба тариқи истиора:* **доми бало, доми ғафлат, доми тазвир, доми фитна**; **ба дом афтодан** ба

банд афтодан; дастгир шудан; ◘ **ба (дар) доми** *касе* **афтодан** мутеи касе шудан; ба таъсири касе мондан (*аз макру фиреби ӯ дар ғафлат монда*); фиреби касеро хӯрдан; **ба доми худ кашидан // ба доми худ даровардан** касеро мутеи худ кардан, ба зери таъсири худ даровардан (*бо фиребу найранг*).

**ДОМ** II دام **:дому дарак** *гуфт.* хабар, огоҳӣ; *муқ.* **бедому дарак шудан**.

**ДОМ** III دام ҳайвони ваҳшии алафхӯри ғайри даранда (*мисли оҳу, гавазн, бузи кӯҳӣ ва ғ.*), ҷонвари хонагӣ *монанди гов, гӯсфанд, буз, асп ва ғ.*); **дому дад**.

**ДОМАН** دامن 1. қисми поёнии либос: **домани курта**, **домани пӯстин**, **домани ҷома: офтобро бо доман пӯшида намешавад** (*мақ.*). 2. миқдори чизе, ки дар доман мегунҷад; **доман-доман** хеле зиёд, ниҳоят бисёр. 3. канору ҳошияи ҳар чиз; қисми охири ҳар чиз, домана: **домани биёбон, домани гулзор, домани дашту саҳро**; **домани кӯҳ** *ниг.* **домана; домани осмон // домани уфуқ** чашмраси уфуқу осмон, ки ба назари бинанда канори онҳо барин менамояд; **дар домани водӣ** дар қисми охири водӣ, дар баромадгоҳи водӣ; **то домани баҳр** то лаби баҳр, то канори баҳр; **доман паҳн кардан** ҷой гирифтан, фаро гирифтан, воқеъ гаштан; **домани** *касе ё чизеро* **раҳо насохтан // домани** *касе ё чизеро* **сар надодан** тарки алоқа накардан аз касе; аз баҳри чизе нагузаштан; ҷудо нашудан аз касе ё чизе; **домани** *касеро* **гирифтан** а) аз паси касе рафтан, пайравӣ кардан ба касе; ба касе илтиҷо бурдан; б) даъвогар шудан, муддаӣ будан; касеро гунаҳгор шумурдан; **домани** *касе* **тар будан** фосиқ, фоҷир будан; бадном будан; **домани** *касеро* **бо чормағзи пуч пур кардан** касеро фиреб додан бо ваъдаи хушку холӣ ё гапҳои дигар; **домани чизе васеъ(тар) гардидан** вусъат пайдо кардан, инкишоф ёфтан; **домани ҳиммат барзадан** камари ҳиммат бастан, ҷаҳд кардан, бо кӯшишу ғайрат ба коре сар кардан; **оташи чизеро доман задан** ҳисси чизеро дар касе бедор кардан; касеро ба коре таҳрик кардан; **аз домани** *касе ё чизе* **даст кашидан (бардоштан)** тарк кардан, аз баҳри чизе ё касе гузаштан; **ба доман парвардан (парварондан)** бо меҳр парваридан; **чанг ба домани чизе задан** аз пайи чизе шудан; ба коре часпидан; **дасти ману домани ту** (*мақ.*) дар мавриди ба исрор ёрию мадад ё паноҳ талабидан ё узри гуноҳ хостан аз касе гуфта мешавад.

**ДОМАНА** I دامنه он чи монанди доман аст, канора, ҳошия: **доманаи дашт**, **доманаи беша**; **доманаи кӯҳ** қисми поёни кӯҳ, ки то замини тахт тӯл мекашад, кӯҳдоман.

**ДОМАНА** II دامنه *тиб.* бемории гузарандаи арақӣ, ҳасба, тиф.

**ДОМАНАДОР** دامنه‌دار 1. васеъ, фарох. 2. *маҷ.* думболадор, давомдор; тӯлонӣ: **барномаи доманадор**, **баҳси доманадор**.

**ДОМАНАФШОНӢ** دامن‌افشانی *маҷ.* аз коре ё чизе канора гирифтан, канораҷӯӣ.

**ДОМАНБАСАР** دامن‌بسر *маҷ.* берӯ, бешарм, беҳаё.

**ДОМАНГИР** دامن‌گیر 1. *маҷ.* монеъ, боздоранда аз коре, мамониаткунанда дар коре. 2. *маҷ.* даъвогар, муддаӣ аз касе барои чизе: **домангир шудан**. 3. *маҷ.* **хурдсол, дар доман парваришёфта**: **тифли домангири ман охир гиребонгир шуд** (*мақ.*).

**ДОМАНДАРОЗ** دامن‌دراز либосе, ки домани он кашолу дароз аст.

**ДОМАНКАШ** دامن‌کش раҳсипор, раванда; **доманкаш шудан** роҳ рафтан бо нозу такаббур; равон шудан, раҳсипор шудан, азми сафар намудан.

**ДОМАНКАШОН** دامن‌کشان *кит.* хиромон, бо нозу карашма: **доманкашон рафтан**.

**ДОМАНОЛУДА** دامن‌آلوده *маҷ.* фосиқ, бадахлоқ, бадном, тардоман, олудадоман, бадкор, гунаҳкор.

**ДОМАНОЛУДАГӢ** دامن‌آلودگی *маҷ.* фосиқӣ, бадахлоқӣ, бадномӣ, бадкорӣ.

**ДОМАНРАС** دامن‌رس **:доманрас шудан** бо касе ҳамхоба шудан; дар мубошират будан бо касе.

**ДОМАНТАР** دامن‌تر *маҷ.* тардоман, фосиқ, фоҷир; бадном.

**ДОМАНФАРОХ** دامن‌فراخ доманаш васеъ, фарохдоман; паҳновар, кушоду васеъ: **водии доманфарох, майдони доманфарох**.

**ДОМГОҲ** دامگاه 1. ҷое, ки дар он барои шикор

ва дастгир кардани чизе ё касе дом мегузоранд. 2. *мач.* дунё, ҷаҳон.

**ДОМИНО** *фр.* دامینا бисту ҳашт адад хиштчаҳои як тарафи рӯяшон холдор барои як навъ бозии рӯимизӣ.

**ДОМИНОБОЗ** دامیناباز он ки бо домино бозӣ мекунад, бозигари домино.

**ДОМИНОБОЗӢ** دامینابازی бозӣ кардан бо домино.

**ДОМКРАТ** *олм.* دامکرت *тех.* олати механикӣ, ки ба воситаи он чизҳои вазнинро аз замин як дараҷа боло мебардоранд (*мас., автомобилро бардошта, чархи онро иваз мекунанд ва г.*).

**ДОМОД** داماد 1. номзади духтар. 2. марди ҷавони нав хонадоршуда, ҷавонмарди тоза зангирифта. 3. шавҳари духтар нисбат ба хешовандони вай; **домод шудан** а) шавҳар шудан ба духтаре; б) хонадор шудан ба духтаре.

**ДОМОДБАРОРӢ** دامادبراری маросими бо тантана ба хонаи арӯс бурдани домод дар шаби тӯйи никоҳ.

**ДОМОДБАРОРОН** دامادبراران маросими бори аввал аз хона баромадани ҷавонмарди нав хонадоршуда баъд аз чанд рӯзи никоҳ.

**ДОМОДБОБ** دامادباب ба домод шудан сазовор, муносиби домод шудан; он ки вақти зангириаш фаро расидааст: **домодбоб шудан**.

**ДОМОДДАРОРОН** دامادداراران ба хонаи арӯс даровардани домод дар шаби тӯйи никоҳ.

**ДОМОДДОР** دامادداد мард ё зане, ки духтаро ба шавҳар дода, соҳиби домод шудааст, соҳиби домод.

**ДОМОДӢ** دامادی 1. *мансуб ва хос ба* **домод**: **либоси домодӣ, ҷомаи домодӣ**. 2. домод шудани касе; домод кардан касеро.

**ДОМОДТАЛАБОН** دامادطلبان маросиме, ки падару модари арӯс пас аз чанд рӯзи тӯйи арӯсӣ домодро ба хонаашон ба зиёфат даъват мекунанд ва баъд аз ин маросим домод ба ин хона бемалол рафтуомад карда метавонад.

**ДОМОДТӮРА//ДОМОДХОҶА** دامادتوره// دامادخواجه *гуфт., шакли навозиш, эҳтиром ва гоҳо тамасхуромези* **домод**, *ки одатан ҳангоми мурочиат ба кор мебаранд.*

**ДОМОДШАВАНДА** دامادشونده *сифати феълии замони ҳозира аз* **домод шудан**; он ки ба домодӣ номзад шудааст, он ки домод мешавад.

**ДОМОН** دامان *ниг.* **доман**.

**ДОМУЛЛО** داملّا 1. *таър.* омӯзгори мактабҳои кӯҳна; **домуллои кунҷакӣ** *таър.* муаллими дараҷаи дуюми мадраса, ки шогирдон аввал дарсашонро пеши ӯ хонда тайёр мекарданд ва баъд ба дарсхона рафта, дар пеши мударриси калон ҳамон дарсро мехонданд; **домуллои дарсхонагӣ** *таър.* дарсгӯй дар мадраса, ки дараҷааш аз мударрис пасттар будааст; **домуллои сархат** *таър.* муаллими ҳусни хат дар мактабҳои кӯҳна. 2. *ниг.* **мулло**. 3. *гуфт.* хитоб ба мардони мӯҳтарами пурдон.

**ДОМУЛЛОНАМО** داملّانما ранги домулло, ба домулло монанд (*бо намуди зоҳирияш*).

**ДОМУЛЛОТАРОШ** داملّاتراش он ки худро домулло вонамуд мекунад; он ки худро доно метарошад.

**дон** دان 1. *асоси замони ҳозира ва сигаи амр аз* **донистан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе аз калимаҳои мураккаб ба маънои* дона**нда**: **ҳисобдон**, **қоидадон**, **забондон**, **сухандон**, **қадрдон**.

**-дон** دان *пасванди исмсоз, ки ба калимаҳо ҳамроҳ шуда, маънои* макон ва зарфиятро *ифода мекунад:* **намакдон, нондон, оташдон, ғалладон** *ва г.*

**ДОН** دان 1. *шакли кӯтоҳшудаи* **дона**; ҳосили зироати ғалладона ва лӯбиёиҳо, ғалла. 2. ғалладонае, ки асосан хӯроки мурғон ҳисоб мешавад: **дон додан, обу дон додан ба мурғон**; **дон кардан** ҷудо кардани донаҳои ҷуворимаккаю ҷуворӣ, лӯбиёю мош ё амсоли ин аз сӯтаю сарак.

**ДОНА** دانه 1. тухми ғалла, базр; ғалла (исми ҷомеъ); **осиёб болои дона мегардад** (*зарб.*); **ғаллаву дона** ғаллаҳо (*исми ҷомеъ*); **дона бастан** пайдо шудани ҳосили ғалла дар хӯшаю саракҳои ҷаву гандум, ҷуворимакка *ва г.*; **дона бастани саракҳо, шира гирифтани донаҳо**. 2. *нум.* воҳиди чизҳои ғелак ва гирд, ки ягон-ягон шуморидани онҳо мумкин аст; адад: **донаи ангур, донаи гавҳар, донаи марворид, до-**

**наи ҷав, даҳ дона тухм, як дона харбуза, як дона гул**. 3. мӯҳраи шоҳмот (хусусан пиёда) ва дигар чизҳо (*чӯт, тасбеҳ ва г.*). 4. *маҷ.* қатра, чакра: **дона(ҳо)и ашк, дона(ҳо)и борон, дона(ҳо)и шабнам; дона-дона** а) якто-якто; як-як; б) донабайъ (*дар фурӯш*); в) чида-чида, фаҳмо, бурро (сухан гуфтан).

**ДОНААФШОН** دانه افشان *ниг.* **донапош**.

**ДОНАБАЙЪ** دانه‌بیع аз рӯи адад фурӯхтани чизе, фурӯши дона-дона (-и тухми мурғ, харбуза *ва г.*)

**ДОНАБАРКАШ** دانه‌برکش дона-дона (якто-якто) дар тарозу баркашида (*фурӯхтани чизе*).

**ДОНАГӢ** دانگی 1. аз ғалла тайёркарда, дондор (*доир ба таом*). 2. дона-дона, донабайъ: **фурӯши донагии тухми мурғ**.

**ДОНАДОР** دانه‌دار 1. сифати ангуру аноре, ки дар дили меваи он донаки сахте ҳаст; *муқоб.* **бедона (анори бедона): ангури донадор**. 2. сифати палави хубе, ки биринҷи он дона-дона пухта ба ҳам начаспидааст: **палави донадор**.

**ДОНАК** دانک тухми дарахтони мевадор, мисли бодом, зардолу, хурмо ва шафтолу, ки мағзи онро пӯчоқи сахт пӯшидааст, ҳаста.

**ДОНАКБОЗӢ** دانک‌بازی навъи бозии бачагон, ки дар он донаки зардолу бурду бохт мешавад.

**ДОНАКДОР** دانکدار сифати меваҳое, ки донак доранд.

**ДОНАКШӮРАК** دانک‌شورک донаки зардолуи дар намакоб хобонида, дар хокистари тафсон биригёнкарда, ки як навъ хӯриш ҳисоб мешавад.

**ДОНАМОНАНД** دانه‌مانند ба шакли дона, донашакл, монанди дона.

**ДОНАНДА** داننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **донистан**. 2. доно, огоҳ, хабардор; усто, мутахассис.

**ДОНАПОШ** دانه‌پاش ғаллакор; деҳқон.

**ДОНАСӮЗ** دانه‌سوز сӯзандаи дона, ба ҳадар диҳандаи дона, талафдиҳандаи дона.

**ДОНАФУРӮШӢ** دانه‌فروشی фурӯши дона-дона, донабайъ; чаканафурӯшӣ; *муқоб.* **яклухтфурӯшӣ**.

**ДОНАХӮР** دانه‌خور мурғу ҷонвароне, ки ғалладона мехӯранд, донахор.

**ДОНАХӮРАК** دانه خورک зарф ва ё чизи дигари зарфмонанд, ки дар он ба парандаҳои қафасӣ дон медиҳанд; донкоса; **донахӯрак кардан** ба дон хӯрдан одат кунондан; ром кардан (парандаҳоро).

**ДОНАЧА** دانچه 1. *шакли тасғири* **дона;** донаи хурд. 2. гармича.

**ДОНАШАКЛ** دانه‌شکل шабеҳи дона, ба дона монанд.

**ДОНАШӮРАК** دانه‌شورک *ниг.* **донакшӯрак**.

**ДОНГ** دانگ *кит.* 1. ҳисса, саҳм. 2. шашяки чизе. 3. воҳиди вазн, ки дар кишвар ва маҳалҳои гуногун мутафовит буд.

**ДОНГОНА** دانگانه *кит.* 1. пуле, ки дар вақти сайругашт барои хӯрокворӣ ҷамъ мекунанд. 2. як донг; пули сиёҳ, миқдори ками пул.

**ДОНГСАНГ** دانگ‌سنگ *таър.* воҳиди андозагирии вазн ба андозаи як донг.

**ДОНИСТА** دانسته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **донистан**. 2. он чи мавриди огоҳӣ аст; маълум; **дидаю дониста** а) ба хубӣ фаҳмида истода; б) қасдан, амдан; **дониста гап зан** фикр карда гап зан; он чиро, ки дуруст намедонӣ, нагӯй; **дониста монед, ки**… бовар дошта бошед, ки…

**ДОНИСТАГӢ** دانستگی 1. *шакли дигари сифати феълии замони гузашта аз* **донистан**. 2. фаҳмиш: **мувофиқи донистагии худ**.

**ДОНИСТАКОР** دانسته‌کار таҷрибадида, кордон, пухтакор.

**ДОНИСТАН** دانستن 1. фаҳмидан, огоҳ шудан; доно шудан, омӯхтан, дарк кардан; огоҳӣ доштан аз коре ё чизе. 2. шинохтан; ташхис додан. 3. пиндоштан, ангоштан, гумон кардан; ҳисобидан, шумурдан; **лозим донистан** зарур ҳисоб кардан; **ба худ муносиб донистан** муносиб дидани коре ба худ, нисбат ба худ сазовор ҳисоб кардани коре; **маъқул донистан** писандидан; **аз ёд донистан** аз бар донистани чизе.

**ДОНИСТАНӢ** دانستنی *сифати феълии замони оянда аз* **донистан;** он чи донистан лозим аст, муносиби донистан.

**ДОНИШ** دانش *исми феълӣ аз* **донистан**. 1. илм, маърифат, фарҳанг; маҷмӯи огоҳӣ ё иттилоот дар бораи чизе: **илму дониш, дониш омӯхтан**; **ҷамъияти паҳнкунандаи донишҳои илмӣ ва сиёсӣ** ҷамъияте, ки ба воситаи тарғибгарон навигариҳои илму сиёсатро ба аҳолӣ фаҳмонда медиҳад. 2. маълумот, савод; **соҳиби дониш** донишманд; **ба қадри дониши худ** ба андозаи фаҳмиши худ.

**ДОНИШАЛФАНҶ** دانش‌الفنج *кит., ниг.* **донишандӯхта**.

**ДОНИШАНДӮЗ** دانش‌اندوز донишомӯз, фарогирандаи дониш.

**ДОНИШАНДӮЗӢ** دانش‌اندوزی аз худ кардани дониш, фаро гирифтани дониш, донишомӯзӣ.

**ДОНИШАНДӮХТА** دانش‌اندوخته *сифати феълии замони гузашта аз* **дониш андӯхтан**; донишманд, бисёр доно.

**ДОНИШАФРӮЗ** دانش افروز *маҷ.* олим, доно.

**ДОНИШВАР** دانش‌ور донишманд, олим; оқил, доно.

**ДОНИШВАРӢ** دانش‌وری илмомӯзӣ; донишманндӣ, доноӣ.

**ДОНИШГОҲ** دانشگاه муассисаи таълимӣ ва илмӣ дар сохтори таҳсилоти олӣ, ки дар он аз рӯи маҷмӯи илмҳои асосӣ ба таълиму тарбияи мутахассисон ва таҳқиқоти илмӣ машғуланд.

**ДОНИШГОҲӢ** دانشگاهی 1. *мансуб ба* **донишгоҳ**. 2. он ки барои кор ё таҳсил ба донишгоҳ меравад.

**ДОНИШГУСТАР** دانش‌گستر паҳнкунанда ва таблиғгари дониш, густаришдиҳандаи илму маърифат.

**ДОНИШДӮСТ** دانش‌دوست дӯстдорандаи илму маърифат, илмдӯст, донишпарвар.

**ДОНИШДӮСТӢ** دانش‌دوستی донишпарварӣ, донишпажӯҳӣ, донишпарастӣ.

**ДОНИШӢ** دانشی *марбут ба* **дониш**; донишманд, хирадманд, оқил; бар асоси дониш.

**ДОНИШКАДА** دانشکده 1. маҳал ва ҷои гирифтани дониш. 2. муассисаи таълимӣ – мактаби олӣ, ки барои яке аз соҳаҳои илму фан ва фарҳанг мутахассисони олидараҷа тайёр мекунад, институт: **донишкадаи санъат**.

**ДОНИШҚАРИН** دانش‌قرین донишдӯст, донишпараст.

**ДОНИШМАНД** دانشمند 1. соҳиби илму дониш, олим, фозил. 2. доно, оқил, пурдон, хирадманд.

**ДОНИШМАНДӢ** دانشمندی 1. донишманд будан, олимӣ. 2. доноӣ, оқилӣ, пурдонӣ, хирадмандӣ.

**ДОНИШМАНДОНА** دانشمندانه оқилона, хирадмандона.

**ДОНИШНОМА** دانشنامه доиратулмаориф, китобе дар бораи маҷмӯаи донишу илмҳои мухталиф, осор ва аҳволи шоирон, вазъияти сиёсиву ҷуғрофии кишвар *ва ғ.*

**ДОНИШОМӮЗ** دانش آموز 1. муаллим, омӯзгор, хирадомӯз. 2. илмомӯзанда; хонандаи мактаби таҳсилоти умумӣ ва махсус, талаба.

**ДОНИШОМӮЗӢ** دانش‌آموزی илмомӯзӣ, донишҷӯӣ, фаро гирифтани илму дониш.

**ДОНИШОМӮХТА** دانش‌آموخته он ки дониш фаро гирифтааст, донишандӯхта, фориғуттаҳсил.

**ДОНИШПАЖӮҲ** دانش‌پژوه *кит.* 1. толиби илм, доништалаб. 2. пажӯҳандаи илму дониш; муҳаққиқ, корманди илмӣ.

**ДОНИШПАЖӮҲӢ** دانش‌پژوهی алоқамандӣ ва рағбат доштан ба таҳқиқу пажӯҳиши илмҳои гуногун, илмомӯзӣ.

**ДОНИШПАЗИР** دانش‌پذیر пазиранда ва хоҳони дониш, донишфарогиранда, аҳли донишу хирад.

**ДОНИШПАРАСТ** دانش‌پرست илмдӯст, хирадманд.

**ДОНИШПАРВАР** دانش پرور *ниг.* **донишпараст**.

**ДОНИШПАРВАРӢ** دانش‌پروری донишдӯстӣ, доништалабӣ.

**ДОНИШТАЛАБ** دانش‌طلب толиби илму маърифат, кӯшишу ғайраткунанда дар роҳи илмомӯзӣ; илмдӯст, кунҷков.

**ДОНИШТАЛАБӢ** دانش‌طلبی доништалаб будан, илмдӯстӣ.

**ДОНИШФУРӮЗ** دانش‌فروز *ниг.* **донишафрӯз**.

**ДОНИШҶӮӢ** دانش‌جوئی 1. *марбут ба* **донишҷӯ**. 2. донишҷӯ будан: **солҳои донишҷӯӣ**.

**ДОНИШҶӮЙ** دانش‌جوی 1. толиби илму маърифат, ҷӯяндаи илму дониш. 2. он ки дар мактаби олӣ таҳсили илм мекунад.

**ДОНКОСА** دان‌کاسه *ниг.* **донахӯрак**.

**ДОНО** دانا донанда; пурдон, бисёр донанда; оқил, хирадманд, *муқоб.* **коно**; **донои кор** кордон, пухтакор, аҳли кор; **душмани доно беҳ аз дӯсти нодон** (*зарб.*).

**ДОНОДИЛ** دانادل *кит.* дилогоҳ; соҳибфаросат; хирадманд.

**ДОНОӢ** دانائی пурдонӣ, оқилӣ, боақлӣ, хирадмандӣ.

**ДОНОТАРОШ** داناتراش он ки худро доно вонамуд мекунад; он ки даъвои доноӣ дорад.

**ДОНОТАРОШӢ** داناتراشی худро доно нишон додан, худро доно вонамуд кардан.

**ДОНПОШӢ** دان پاشی пошидани дон, пошидани гандуму ғалладона.

**ДОНХӮР** دان خور *ниг.* **донахӯр**.

**ДОНЧА** دانچه *кит.*, *кишов.* наск, адас.

**дор** دار 1. *асоси замони ҳозира ва сигаи амр аз* **доштан**; **дор-дор** шавқуну овози баланди пайиҳам барои даст гирифтани касе. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* соҳибият ва ё доро будан ба аломату хосият: **мевадор, кӯдакдор, пулдор, хонадор…**

**ДОР** I دار 1. *кит.* дарахт; танаи дарахт. 2. сутуни баланди ба замин нишондашуда, ки гунаҳкорони ба қатл маҳкумшударо бо таноб аз гардан овехта мекуштанд; **ба дор овехтан (кашидан)** қатл кардан ба воситаи дор. 3. иншооти махсус, ки арғамчинҳои ғафсро ба сари чӯбҳои ба замин нишондашуда таранг баста, дорбозҳо ба болои он баромада, ҳунарнамоӣ мекунанд; ◊ **аз таги дор гурехтагӣ** қаллоби гузаро, фиребгари ашаддӣ.

**ДОР** II *а.* دار *кит.* хона, бино; макон (*бештар ҳамчун ҷузъи аввали калимаҳои мураккаби арабисохт ба кор бурда мешавад*: **дорулахлоқ**, **дорулфунун**, **дорушшифо**.

**ДОРАК** دارک 1. яке аз чаҳор пистони гов *ва г.*; сари пистон, долак (*гуфт*). 2. эмизак, пистонак, чоч.

**ДОРАМ** دارم доро, сарватманд.

**ДОРАМӢ** دارمی соҳиби молу мулк будан, сарватмандӣ.

**ДОРАНДА** دارنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **доштан**. 2. соҳиб, молик: **дорандаи ин мактуб**.

**ДОРАНДАГӢ** دارندگی дороӣ, давлатмандӣ.

**ДОРАФЗИН** دارافزین ҳар чизи аз чӯбу санг сохташуда, ки одам ба он такя мекунад; такягоҳ.

**ДОРБАСТ** داربست шабака ва василаи мувакқате, ки аз чӯб ё лӯлаҳои оҳан барои кор дар баландиҳо месозанд.

**ДОРБОЗ** دارباز касе, ки дар болои дор бозӣ ва ҳунарнамоӣ мекунад, расанбоз.

**ДОРБОЗӢ** داربازی 1. ҳунарнамоӣ дар болои дор; **дорбозӣ кардан** роҳ рафтан ва ҳунарнамоӣ кардан дар болои дор. 2. *маҷ.* кори пурхатар кардан, ҷонбозӣ.

**ДОРБОМ** داربام болоре, ки ба дарозии хона гузошта, аз ду тараф дастакҳо чида, бомро мепӯшанд, шоҳпул, шоҳтир, харӣ.

**ДОРБӮЙ** داربوی *кит.* чӯби уд, ки барои хушбӯӣ месӯзанд.

**ДОРКАДУ** دارکدو *кит.* чӯби баланд, ки болои он кадуе аз нуқра ё тилло овезон мекарданд ва тирандозон аз болои асп дар ҳоли тохт ба он тир меандохтанд ва ҳар кас ба ҳадаф мерасид, соҳиби ҷоиза мегардид.

**ДОРО** دارا 1. доранда, тавонгар, соҳиб, молик; **дорои хату савод** соҳиби савод, босавод; **дорои** *чизе* **будан** чизеро фарогиранда будан, ҳовии чизе будан. 2. сарватманд, бодавлат: **одами доро, синфи доро**.

**ДОРОӢ** I دارائی давлатмандӣ, тавонгарӣ; боигарӣ, сарват, чизу чора, молу мулк.

**ДОРОӢ** II دارائی **:ангури дороӣ** ангури пешпазаки сафеду сурхчаранги пӯсташ тунук.

**ДОРПАРНИЁН** دارپرنیان *кит.* чӯби бақам, ки барои сохтани ранг аз он истифода мекарданд.

**ДОРУ** دارو он чи барои дафъи беморӣ, рафъи ҷароҳат ва таскини дард истеъмол мекунанд, даво, дармон: **доруи дарди сар, доруи обакӣ, дору молидан, дору хӯрдан; доруи беҳушӣ // доруи мадҳушӣ** моддаи беҳискунандаи бадан; **доруи мушкушак** маргимуш; **дорую дармон кардан** табобат кардан бо доруҳо; **дору задан (пошидан)** моддаҳои химиявӣ пошидан барои нест кардани ҳашароти зарароасон; ⌑ **доруи дарди дандон** чизи хеле зарур, айни муддао (*барои рафъи ҳоҷате*); **дору шудан** айни муддао шудани чизе барои коре.

**ДОРУБАРД** داروبرد *кит.* карру фар, дабдаба, гирудор.

**ДОРУВОР** دارووار 1. давою дармон, ҳар навъ давоҳо; доруҳо: **сандуқчаи дорувор**. 2. чизҳои хушбӯи тез, ки ба таом меандозанд (*аз қабили* қаланфур, мурч, зира, дорчин *ва г.*).

**ДОРУВОРӢ** داروواری васоили табобатӣ, дармонӣ.

**ДОРУГИР** داروگیر 1. кашмакаш, ҷангу ҷанҷол, задухӯрд. 2. *маҷ.* гирудор; калонгирӣ, худнамоӣ, ҳашамат, дабдаба.

**ДОРУГӢ** داروگی 1. *мансуб ба* **дору**. 2. дору (шифобахш) будан, даво шудан; **барои доругӣ ҳам ёфт нашудан** хеле камёб будан.

**ДОРУГУЗАРОНӢ** داروگذرانی *тиб.* ба бадан гузаронидани дору барои пешгирӣ ё сабук гузаштани ягон дард.

**ДОРУҒА** *м.* داروغه 1. *кҳн.* посбони шаҳр; сардори посбонони шаҳр. 2. *таър.* дар замони аморати Бухоро шахсе, ки то тайёр шудан, бардоштани хирман ва ҷудо карда гирифтани ҳаққи амлокдор, подшоҳ ё вақф хирмани иҷорадор ва дигаронро посбонӣ мекард.

**ДОРУҒАГӢ** داروغگی 1. *кҳн. мансуб ба* **доруға**: **ҳаққи доруғагӣ**. 2. амал ва мансаби доруға.

**ДОРУДОН** دارودان зарфи дору.

**ДОРУДОР** دارودار доруолуд, дорудошта.

**ДОРУЗАНӢ** داروزنی дору кардани ҷое ё чизе.

**ДОРУЗЗАРБ** *а.* دارالضّرب *кҳн.* хонаи сикка задани пул, зарробхона, зарбхона, сиккахона.

**ДОРУЗЗИЁФАТ** *а.* دارالضّیافت *кит.* меҳмонхона, меҳмонсаро, мусофирхона.

**ДОРУКАДА** داروکده *ниг.* **дорухона**.

**ДОРУКӮБАК** داروکوبک *тиб.* ҳовани хурд барои кӯфта майда кардани дору, ӯғурча.

**ДОРУҚУТТӢ** داروقطّی қуттӣ ё сандуқчае, ки дар он як миқдор дорую асбобҳои тиббии барои ёрии аввалия зарур нигоҳ дошта мешавад: **доруқуттии хонагӣ**.

**ДОРУЛАМОН** *а.* دارالامان *кит.* ҷои бехавфу хатар, макони амният.

**ДОРУЛАМОРА(Т)** *а.* دارالامارت *кҳн.* қасри аморат; маркази аморат, пойтахт.

**ДОРУЛАХЛОҚ** *а.* دارالاخلاق муассисаи ислоҳкунандаи ахлоқ (*аз қабили* ҳабсхона, ҳушёрхона *ва г.*).

**ДОРУЛБАВОР** *а.* دارالبوار *д.* дӯзах, ҷаҳаннам; ◊ **ба дорулбавор рафтан** мурдан; **ба дорулбавор фиристодан** куштан, ҳалок гардондан (*дар ҳаққи одами бад*).

**ДОРУЛБАЙЪ** *а.* دارالبیع *кит.* бозор.

**ДОРУЛБАҚО** *а.* دارالبقا *кит., маҷ.* он дунё, абадият.

**ДОРУЛИСЛОМ** *а.* دارالاسلام *кит.* кишвар ё сарзамини исломӣ; мамлакате, ки бар пояи аҳкоми дини ислом идора мешавад.

**ДОРУЛКУТУБ** *а.* دارالکتب *кит.* китобхона.

**ДОРУЛҚАЗО** *а.* دارالقضا *кҳн.* қозихона, хонаи мурофиа ва файсалдиҳии даъвоҳо аз тарафи қозӣ.

**ДОРУЛҚИРОАТ** *а.* دارالقراءت *кит.* ҷои китобхонӣ.

**ДОРУЛМУАЛЛИМИН** *а.* دارالمعلمین *кҳн.* мактаби олии омӯзгорӣ, донишкадаи муаллимӣ.

**ДОРУЛМУЛК** *а.* دارالملک *ниг.* **дор** II.

**ДОРУЛФАНО** *а.* دارالفنا *кҳн.* дунёи фонӣ, ин дунё.

**ДОРУЛФУНУН** *а.* دارالفنون *кит.* донишгоҳ.

**ДОРУЛХИЛОФАТ** *а.* دارالخلافة *таър.* маркази хилофат; пойтахти хилофат.

**ДОРУПАЗ** داروپز *кит.* дорусоз, созанда ва тайёркунандаи дору.

**ДОРУПОШАК** داروپاشک *кишов.* асбоб барои пошидани моддаҳои химиявӣ (*хоҳ обакӣ ва*

*хоҷ ордак*) ба растаниҳо.

**ДОРУПОШӢ** داروپاشی *кишов.* 1. пошидани дору ба рӯи растаниҳо барои несту нобуд кардани ҳашароти зараррасон ва кассалиҳои зироат. 2. дорупошанда, пошдиҳандаи дору: **асбоби дастии дорупошӣ, дастгоҳи дорупошӣ, мошини дорупошӣ**.

**ДОРУСОЗ** داروساز *тиб.* он ки дар дорухона ба тайёр кардани даво машғул аст, доругар.

**ДОРУСОЗӢ** داروسازی *тиб.* сохтани дору, тайёр кардани даво: **коргоҳи дорусозӣ**.

**ДОРУССАЛТАНА** *а.* دارالسلطنه *таър.* маркази салтанат; пойтахт.

**ДОРУССУРУР** *а.* دارالسّرور *киноя аз* **биҳишт**.

**ДОРУФУРӮШ** داروفروش *тиб.* фурӯшандаи дору (*одатан дар дорухона*).

**ДОРУФУРӮШӢ** داروفروشی *тиб.* 1. фурӯхтани дору, фурӯши доруҳо. 2. ҷой ва маҳалли доруфурӯшӣ.

**ДОРУХОНА** داروخانه *тиб.* ҷои таҳия ва фурӯши дору, доруфурӯшӣ.

**ДОРУЧАКОНАК** داروچکانک *тиб.* асбоби махсус барои башумор чакондани дору, чакрарез, қатрачакон, қатрарез.

**ДОРУШИНОС** داروشناس *тиб., нав.* мутахассиси дорушиносӣ.

**ДОРУШИНОСӢ** داروشناسی *тиб., нав.* соҳаи илми тиб ва биология, ки доруҳо ва таъсири онҳоро ба одаму ҳайвонот меомӯзад, фармакология.

**ДОРУШШИФО** *а.* دارالشّفا *кит.* табобатхона; беморхона.

**ДОРЧИН** دارچین *бот.* растании ҳамешасабз, ки ба ваҷҳи хуштаъмӣ ва хушбӯиаш баргу гул ва пӯсту меваи онро истифода менамоянд.

**ДОРЧИНӢ** دارچینی *ниг.* **дорчинранг**.

**ДОРЧИНРАНГ** دارچین‌رنگ монанд ба ранги дорчин, хурмоиранг, қаҳваранг.

**ДОС** داس *кишов.* олати оҳании бештар ҳилолшакли дамаш тез ва дастааш чӯбӣ аст, ки бо он гандум, ҷав, алаф ва монанди инҳоро медароvarанд: **дос ва болға**; **доси дароз** навъи дос, ки дастаи дароз дорад ва бо он рост истода дарав кардан мумкин аст.

**ДОСАК** داسک 1. бодхӯрак, абобил. 2. фарош-турук, парасту.

**ЗАБОНАК** زبانک 1. қисми миламонанди қуфл, ки калид ба он медарояд; **забонаки занг** овезаи забончамонанди мобайни занг, ки бо ҷунбонидани он занг садо медиҳад; **забонаки калид** қисми дандонадори калид, ки бо он қуфлро баста мекушоянд. 2. *ниг.* **забонча**.

**ЗАБОНБАНД** زبانبند афсун, ҷодуе, ки гӯё барои бастани забони душманон ва бадгӯён ба кор бурда мешуд; ◊ **забонбанди хирад** шаробу май *ва г.*, ки ақлро тира созад.

**ЗАБОНБАСТА** زبانبسته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **забон бастан**. 2. *маҷ.* хомӯш, сокит; гунг. 3. *маҷ.* ҳайвон.

**ЗАБОНБАСТАГӢ** زبانبستگی 1. *шакли дигари сифати феълии замони гузаштаи* **забонбаста**; вазъ ва ҳолати забонбаста. 2. *маҷ.* роздорӣ, розро пинҳон нигоҳ доштан, хомӯшӣ.

**ЗАБОНБОЗ** زبانباز 1. суханбоз; лофзан; сер гап. 2. *маҷ.* мунофиқ; хушомадгӯй, чоплус.

**ЗАБОНБОЗӢ** زبانبازی тамаллуқ, хушомадгӯӣ, чоплусӣ; **забонбозӣ кардан** суханпардозӣ кардан; чарбзабонӣ кардан барои гузарондани матлаби худ.

**ЗАБОНБУРИДА** زبانبریده 1. касе, ки забо-

нашро буридаанд (*барои он ки хомӯш бошад*); безабон. 2. *мач*. сокит, бесадо, хомӯш.

**ЗАБОНВАР** زبانور *ниг*. **забоновар**.

**ЗАБОНГИР** زبانگیر 1. гирифтани забон, тутила, лакнат; **забонгир шудан** гап зада натавонистан, тутила шуда мондан, забон гирифтан. 2. ҷосусе, ки аз маҷлисҳо ва гуфтугузорҳои аҳолии як давлат гапҳои ба худаш даркориро чида мегирад. 3. ҷанговаре, ки барои огоҳ шудан аз сирри душман аскари душманро дастгир карда меорад; *муқ*. **забон** 5.

**ЗАБОНГИРӢ** I زبانگیری дармондани забон ҳангоми гуфтор, лакнат.

**ЗАБОНГИРӢ** II زبانگیری ба даст овардани забон, асир гирифта овардани ҷанговари душман бо мақсади огоҳӣ аз сирри лашкари душман.

**ЗАБОНГИРИФТА** زبانگرفته 1. он ки забонаш мегирад. 2. *мач*. сокиту хомӯш.

**ЗАБОНДАРОЗ** زباندراز 1. даҳанкалон; калонгап. 2. он ки дар масъалае ҳақ будани худро дониста, беибо ва густохона гап мезанад; *муқоб*; **забонкӯтоҳ**.

**ЗАБОНДАРОЗӢ** زباندرازی сифат ва амали шахси забондароз; даҳанкалонӣ; гапкалонӣ: **забондарозӣ кардан**.

**ЗАБОНДОН** زباندان 1. он ки қоида ва қонунҳои забонро ба хубӣ азхуд кардааст; аҳли забон; фасеҳбаён, хушгуфтор. 2. он ки ба ғайр аз забони модарии худ як ё чанд забони дигарро медонад; **забондон шудан** гапдон шудан.

**ЗАБОНДОНӢ** زباندانی 1. забондон будан; фасеҳбаёнӣ, хушзабонӣ. 2. донистани забонҳои дигар ғайр аз забони модарӣ.

**ЗАБОНЗАД** زبانزد вирди забон гардида, бисёр паҳну машҳур (*оид ба* хабаре ё воқеае); он чи бар сари забонҳо афтодааст.

**ЗАБОНЗАДА** زبانزده бар сари забонҳо афтода, машҳуршуда, овозашуда; ◊ **ифодаҳои забонзада** ифодаҳои аз даҳон монда, ифодаҳои обшуста.

**ЗАБОНӢ** زبانی 1. *мансуб ба* **забон**; **захираи забонӣ** *ниг*. **захира**. 2. шифоҳӣ, даҳонакӣ; **баҳсу ҷидоли забонӣ** баҳсу мунозираи даҳонакӣ; ◊ **дӯсти забонӣ** дӯсти ғайрисамимӣ, дӯсти бесадоқат.

**ЗАБОНКӮТОҲ** زبان کوتاه он ки бо айбе ё гуноҳе ба гап задан ҷуръат надорад; *муқоб*. **забондароз**; муттаҳам.

**ЗАБОНКӮТОҲӢ** زبانکوتاهی забонкӯтоҳ будан; муттаҳамӣ.

**ЗАБОНОВАР** زبانآور суханвар; хушбаён, фасеҳзабон.

**ЗАБОНОВАРӢ** زبانآوری суханварӣ; хушбаёнӣ, хушгапӣ.

**ЗАБОНОМӮЗ** زبانآموز 1. он ки ягон забонро бо истифода аз воситаҳои гуногуни таълим меомӯзад. 2. китоб, навори овозӣ ё тасвирӣ, ки ба воситаи онҳо забон меомӯзанд.

**ЗАБОНОМӮЗӢ** زبانآموزی амал ва ҷораёни омӯхтани забон, махсусан ягон забони хориҷӣ.

**ЗАБОНРАСОНӢ** زبانرسانی **:забонрасонӣ кардан** эрод гирифтан, айбгирӣ кардан, забон расонидан.

**ЗАБОНРОН** زبانران 1. он ки забонаш фасеҳу балеғ бошад, нотиқ. 2. сергап, лаққӣ. 3. *мач*. қиссагӯй, афсонагӯй.

**ЗАБОНСӮХТА** زبانسوخته 1. он ки забонаш сӯхтааст. 2. *мач*. он ки гармию сардии рӯзгор чашида; таҷрибаи сахте аз сар гузаронида, танбеҳдида.

**ЗАБОНТЕЗ** زبانتیز он ки забони бурро ва тунд дорад, теззабон, тундзабон; ҳозирҷавоб.

**ЗАБОНФАҲМ** زبانفهم донандаи забон, забондон; гапфаҳм, бофаросат.

**ЗАБОНФУРӮШ** زبانفروش сергап, пургӯй.

**ЗАБОНХАТ** زبانخط санаде, ки касе дар он чизеро ба зимма гирифтааст (*мас., адои қарзеро*).

**ЗАБОНХОӢ** زبانخائی **:забонхоӣ кардан** возеҳу равшан изҳор накардан (*фикреро*), нимғурма гап задан; аз гуфтани чизе худдорӣ кардан.

**ЗАБОНЧА** زبانچه 1. *шакли тасғири* **забон**; забони хурд. 2. *тиб*. узве, ки дар даромади роҳи гулӯ аз боло овезон аст.

**ЗАБОНЧАРБ** زبانچرب хушзабон, ширинзабон, чарбзабон.

**ЗАБОНШИНОС** زبان‌شناس мутахассис ва олими илми забон.

**ЗАБОНШИНОСӢ** زبان‌شناسی илм дар бораи қоидаву қонунҳои забон.

**ЗАБТ** *а.* ضبط 1. ҳифз кардан, нигоҳ доштан; **забту нақл** навишта нигоҳ доштан ва бозгӯй кардани чизе. 2. гирифтан, ба даст даровардан, тасарруф; **забт кардан (намудан)** а) ба даст даровардан, соҳиб шудан; истило (тасарруф, ишғол) кардан; б) навиштан, қайд кардан, сабт намудан; **забт шудан** а) ба тасарруф даромадан, гирифта (ишғол) шудан; б) қайд ва сабт ёфтан.

**ЗАБТГАРДИДА** ضبط‌گردیده *сифати феълии замони гузашта аз* **забт гардидан**; ғасбгардида; бо зӯрӣ гирифташуда, аз худ шуда, кашида гирифташуда, тасарруфшуда.

**ЗАБТКУНАНДА** ضبط‌کننده 1. ишғолгар, тасарруфкунанда. 2. сабткунанда.

**ЗАБТШУДА** ضبط‌شده *сифати феълии замони гузашта аз* **забт шудан**; ғасбшуда, бо зӯрӣ гирифташуда, тасарруфшуда.

**ЗАБУДА** زبوده хушконида, кӯфта ва бехтаи кабудиҳои гуногун *(мас., шибит, пудина, наъно ва г.)*.

**ЗАБУН** زبون 1. нотавон, оҷиз, дармонда, бечора; ҳақир, хору залил; **бахти забун** толеи паст, бахти бад; **ҳоли забун** ҳоли тобоҳ, вазъи бад. 2. мағлуб, шикастхӯрда; **забун гаштан (гардидан, шудан)** а) оҷизу нотавон мондан; хору зор шудан; б) мағлуб шудан, шикаст хӯрдан; **забун кардан (сохтан)** сарпаст ва мутеъ намудан; мағлуб гардонидан; зердасту асир кардан.

**ЗАБУНГИР** زبون‌گیر он ки зердастонро озор медиҳад, озордиҳандаи нотавонон ва оҷизон.

**ЗАБУНГИРӢ** زبون‌گیری касеро оҷизу нотавон шумурдан, амали забунгир.

**ЗАБУНӢ** زبونی заифӣ, нотавонӣ, оҷизӣ, хорӣ; зердастӣ.

**ЗАБУНКУШ** زبون‌کش кушандаи нотавонон ва бечорагон, оҷизкуш; қотили бераҳм, ҷаллод.

**ЗАБУР** *а.* زبور 1. *д.* китобе, ки онро ба яке аз пайғамбарон – Довуд нисбат медиҳанд. 2. *кит.* китоб, навишта.

**ЗАБУРХОН** زبورخان он ки Забур хонад.

**ЗАБҲ** *а.* ذبح *кит.* сар буридани гов ва гӯсфанд ва монанди онҳо, бисмил кардан.

**ЗАВАБОН** *а.* ذوبان обшавӣ, моеъ шудан, гудохта шудан.

**ЗАВАНҶ** زونج *кит.* рӯдаҳои гӯсфанд ё гов, ки бо гӯшту равған пур ва қоқ карда нигоҳ медоранд, навъе аз ҳасиб.

**ЗАВБ** *а.* ذوب *кит.* об кардан, гудохтан; гудозиш, об кардани филизот.

**ЗАВВОР** *а.* زوّار *кит.* зиёраткунанда.

**ЗАВҚ** *а.* ذوق 1. *кит.* чошнӣ. 2. маза, лаззат, ҳаловат; нишоти беҳад, хушҳолии зиёд; ваҷд. 3. табъ, салиқа; **завқи бадеӣ** фаҳмиши нозукиҳои осори бадеӣ, дигар чизҳо ва лаззатёбӣ аз онҳо; **шавқу завқ** майл ва рағбат; **завқ бахшидан** лаззат бахшидан; фараҳу шодӣ овардани чизе ба касе; **завқ бурдан** лаззат бурдан, лаззатёб шудан; ниҳоят хушҳол шудан; **завқ додан** ҳаловат бахшидан; **завқ кардан** ниҳоят хушҳол шудан; ба шавқ омадан; **завқи** *касе* **омадан** ҳаваси касе омадан, ба ваҷд омадан; ◊ **аҳли завқ** онҳое, ки завқи бадеӣ доранд, соҳибзавқон; ашхоси хушсалиқа; **ба завқ // бо завқи том** бо майлу ҳаваси том, бо иштиҳои том, нӯши ҷон бод *(таъбири хоҳиши нек, ки дар мавриди хӯрок хӯрда истодани касе мегӯянд)*.

**ЗАВҚАНГЕЗ** ذوق‌انگیز лаззатбахш; ба завқ ва нишот оваранда, нишотовар.

**ЗАВҚБАХШ** ذوق‌بخش завқовар; хурсандибахш.

**ЗАВҚЁБ** ذوق‌یاب **: завқёб шудан** лаззат бурдан.

**ЗАВҚМАНД** ذوقمند ҳавасманд, иштиёқманд.

**ЗАВҚОВАР** ذوق‌آور хурсандибахш, хушҳолкунанда; аҷибу ғариб.

**ЗАВЛОНА** زولانه банди оҳании иборат аз занҷиру ҳалқа, ки бар пой ва гардани чорпоён ё зиндониён мебастанд, ишкел, кишан.

**ЗАВОД** *р.* زواد *ниг.* **корхона**.

**ЗАВОДА** زواده *кит.* тӯшаи роҳ, харҷи роҳ.

**ЗАВОЛ** *а.* زوال 1. аз байн рафтан, нест шудан, нобуд гаштан: **қадри неъмат баъд аз**

**завол** (*мақ.*). 2. шикаст, нуқсон; **заволи шамс** майл кардани офтоб ба ғуруб; ғуруб кардани офтоб; **завол дидан** ба шикасту харобӣ дучор шудан; **завол ёфтан** нест шудан, фано гаштан, барҳам хӯрдан; **завол овардан** шикаст расондан, ба ҳалокат дучор намудан; **завол омадан** шикаст расидан, харобӣ рӯй додан; ◊ **ба хуршеди умр завол омадан** ба охир расидани умр.

**ЗАВОЛА** زواله лӯндаи хамир, ки барои як нон ҷудо карда мешавад; **завола гирифтан** хамирро ба заволаҳо ҷудо кардан, аз хамир завола сохтан.

**ЗАВОЛЁФТА** زوال‌یافته фаношуда, нестшуда; харобгардида.

**ЗАВОЛНОПАЗИР** زوال‌ناپذیر фанонашаванда; ҷовид, пойдор.

**ЗАВОЛПАЗИР** زوال‌پذیر фанопазир, нопойдор.

**ЗАВОЛПАЗИРӢ** زوال‌پذیری фанопазирӣ, фаношавандагӣ.

**ЗАВОР** زوار *кит.* нигоҳубинкунанда ба бемор, парастори беморон ё зиндониён.

**ЗАВОШ** زواش *кит.* номи сайёраи Муштарӣ.

**ЗАВРАҚ** *а.* زورق киштии хурд, қаиқ.

**ЗАВРАҚКАШ** زورق‌کش он ки заврақ мекашад, киштирон, қаиқрон, завракрон.

**ЗАВРАҚРОН** زورق‌ران он ки заврақ меронад.

**ЗАВРАҚРОНӢ** زورق‌رانی 1. рондани заврақ; амали завракрон. 2. *варз.* навъи варзиш, ки ҳадафи он нишон додани маҳорат дар рондани завраққои белкаш, бодбонӣ ё мотордор дар обҳои дарё, кӯл ва бахр мебошад.

**ЗАВЧИГӢ** زوچیگی *гуфт.* хостгорӣ.

**ЗАВЧӢ** زوچی *гуфт.* хостгор.

**ЗАВҶ** *а.* زوج 1. ҷуфт; *муқоб.* **тоқ**. 2. шавҳар, шӯй.

**ЗАВҶА** *а.*زوجه *муаннаси* **завҷ**; зан, ҳамсар; *муқоб.* **шӯй**.

**ЗАВҶАЙН** *а.* زوجین зану шавҳар.

**ЗАВҶИЯТ** *а.* زوجیت заношӯӣ, ҳамсарӣ, ҳамхонагӣ.

**ЗАВЪ** *а.*ضوء рӯшноӣ, партав, нур, дурахш, ҷило.

**ЗАҒАН** زغن парандае аз ҷинси калоғ, вале андаке хурдтар аз он, ғалевоҷ.

**ЗАҒИР** زغیر растании алафие, ки аз донаҳои он равған мекашанд ва аз наххҳои пояи он матои катон мебофанд; **равғани зағир** равғани аз тухми зағир гирифта.

**ЗАҒИРДАРАВӢ** زغیردروی дарави зағир.

**ЗАҒИРКОР** زغیرکار он ки зағир мекорад.

**ЗАҒИРКӮБӢ** زغیرکوبی кӯбидани зағир ба мақсади ҷудо кардани коҳу донаи он.

**ЗАҒИРПАРВАР** زغیرپرور *ниг.* **зағиркор**.

**ЗАҒИРПОЯ** زغیرپایه 1. замини кишти зағир. 2. пояи зағир, ки аз он ресмон метобанд.

**ЗАҒОМА** زغامه қуттии гирдаи чӯбин ва дар зераш пӯст кашидашудае, ки дар он ҳар чиз меандозанд ва ба сифати паллаи тарозу низ кор мефармоянд.

**ЗАҒОМАРӮЙ** زغامه‌روی рӯяш ба шакли зағома, паҳнрӯй, гирдрӯй.

**ЗАҒОР** زغار 1. навъе аз таоми сахт, ки аз орди ҷуворимакка ё арзан мепазанд (*мисли атолаи кочӣ*). 2. замини намнок, шӯразамин.

**ЗАҒОРА I** زغاره нон аз орди ҷуворӣ ё арзан.

**ЗАҒОРА II** زغاره *кит.* 1. ангишти афрӯхта, ангишти сӯхта сурхшуда, ахтар, лахча. 2. сурхие, ки занон барои ороиш ба рӯй мемоланд.

**ЗАҒОРАМОҲӢ** زغاره‌ماهی навъи моҳии зардранг ва пулакчадори обҳои ширин.

**ЗАҒТ** *а.* ضغث *кит.* фишор; **зағти қалб** фишори дил.

**ЗАҒӮТА** زغوته 1. чӯби миёнсӯрохи лабдори ғалтакмонанд, ки ба вай ресмони риштаро мепечонанд; найчаи бофандагӣ. 2. ресмони дар чунин чӯб печонда.

**ЗАДА** زده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **задан**. 2. *збш.* дар вақти талаффуз бо қувваи овоз ё бо оҳанги талаффуз таъкид карда шудани яке аз ҳиҷоҳо дар калима ва ё яке аз калимаҳо дар ҷумла; **аломати зада** аломате, ки ба ҳиҷои заданок ишора мекунад (´); **зада баромадан** бо суръат берун шудан, шитобон хориҷ шудан аз ҷое; **зада гирифтан** зӯран гирифтан, кашида гирифтан; **зада даромадан** бошиддат ва якбора дохил шудан ба ҷое; **зада куштан**

зарба зада ба қатл расондан; то ба дараҷаи мурдан мушту лагадкӯб кардан касеро; **зада шудан** а) зарба хӯрдан; зарар дидан; б) *маҷ.* нузул ёфтан, ронда шудан аз коре.

**ЗАДАГӢ** زدگی *шакли дигари сифати феълии замони гузашта аз* **задан**; задашуда; **об задагӣ барин** хомӯш, ором.

**ЗАДАН** زدن 1. кӯфтан, чизеро ба чизе сахт расондан; осеб расондан (*бо даст ё чизи дигар*). 2. зарба расонидан; саркӯб кардан. 3. кӯбидан, тақ-тақ кардан (*мас., дарро*). 4. бархӯрдан, расидан; ба ҳам бархӯрдан. 5. тапидан, зарабон (-и дил), ҳаракат кардан. 6. андохтан, худро ба ҷое ворид кардан; **худро ба ҳар тараф задан** ба таҳлука афтода ба ҳар сӯ давутоз кардан, бисёр нотинҷ шудан, ба талвоса афтодан. 7. *маҷ.* хӯрдан, ошомидан. 8. пошидан, рехтан: **намак задан, об задан**. 9. паррондан; шикор кардан. 10. дуздидан; ғорат кардан; **дузд задан** дузд рабудан, дуздида бурдан; ба сирқат рафтан; **хонаи** *касеро* **задан** хонаи касеро ғорат кардан, чизҳои хонаи касеро дуздида бурдан. 11. буридан, қатъ кардан: **гардан задан, шохаи дарахтро задан; сар задан** а) сар буридан, куштан; б) *маҷ.* оғоз ёфтан, шурӯъ шудан. 12. даргирондан, афрӯхтан; **оташ задан** сӯхтан, сӯзондан. 13. молидан, соидан: **покуро ба санг задан**. 14. шинондан, устувор кардан, насб кардан: **хайма задан, байрақ задан**. 15. пахш кардан; нақш монондан; **мӯҳр задан** мӯҳр пахш кардан, мӯҳр мондан; **сикка задан** тангаи филизӣ баровардан. 16. монанд шудан, мушобеҳ шудан: **ранги чизе ба чизе задан**. 17. бастан: **гиреҳ задан, занҷир задан; қулф задан** қулф кардан, бастан. 18. *киноя аз* **овехтан**, овезон кардан, часпондан: **сурат** *ё* **рӯзномаро ба девор задан**. 19. навохтан, соз задан: **дойра задан, дутор задан, таблак задан**. 20. *маҷ.* машғул шудан, саргарм шудан. 2 1. *маҷ.* гуфтан; **гап задан // ҳарф задан** сухан кардан, гуфтан; **дам задан** *ниг.* **дам; дод задан** бо овози баланд гап задан; фарёд кардан; **лоф задан** гапи беҳуда гуфтан; худро таъриф кардан; **таъна задан** сарзаниш кардан, маломат намудан; **хушомад задан** хушомад гуфтан, чоплусӣ кардан; тамаллуқ кардан (*мас., барои дили касеро ба даст даровардан*). 22. гардидан, гаштан; **давр задан** а) гирд гаштан дар атрофи чизе; б) *маҷ.* гардиш кардан, сайр кардан, чарх задан; **чарх задан** а) давр гаштани (-и сар аз бемориӣ); б) сайр кардан, гардиш намудан. 23. *ҳамчун феъли ёридиҳанда таркибҳои зиёди феълӣ месозад:* **барқ задан, бол задан, бӯса задан, ғел задан, мижа задан, неш задан, пар задан, пошна задан, хез задан, чашмак задан, ҷавлон задан, ҷӯш задан; паҳлу задан** а) аз як паҳлу ба паҳлуи дигар гаштан (*аз бехобӣ*); б) якпаҳлу дароз кашида роҳат кардан; **фаввора задан** ҷӯшида баромадани об ё нафт (*аз чашма ё аз кон*); **хала задан** сих зада дард кардани шушу паҳлуи одам аз сармохӯрии сахт; **чеғ задан** а) фарёд кардан; б) *маҷ.* даъват намудан; **зӯр задан** *ниг.* **зӯр; лаб задан** а) *ниг.* **лаб**; б) саршор шудан, рехтан; **панҷа задан** *ниг.* **панҷа; рақам задан** навиштан, иншо кардан; **хунук задан** *касеро* ё *чизеро* а) аз сармо касал шудан, аз таъсири сармо бемор ё ҷароҳатнок шудан; б) дар асари сардии шадид нобуд шудани чизе; **ғайб задан** ғоиб шудан, нопадид гаштан, гум шудан; **аз роҳ задан** а) аз роҳ баровардан, бероҳа кардан; б) гумроҳ кардан; **ба замин задан // бар хок задан** чизеро беқадр гардонидан, беобрӯ намудан, хор кардан; *касеро* **ба рӯзнома задан** дар рӯзнома навиштан дар бораи касе; дар рӯзнома танқид кардан касеро; **ба (бо) як нӯл задан** а) касеро ба осонӣ мағлуб кардан (*дар мусобиқае*); б) аз касе тавонотару моҳиртар будан дар коре; **мӯҳри хомӯшӣ бар даҳони** *касе* **задан** хомӯш сохтан, ба хомӯшӣ маҷбур кардан касеро; **худро ба мастӣ задан** худро маст вонамуд кардан, маст нишон додан; **худро ба нодонӣ** (*ё* **нофаҳмӣ) задан** худро нодон ва нодида вонамуд кардан; худро қасдан нофаҳм нишон додан; **бало зад** офат расид; кор табоҳ шуд; **бало задан** а) ба тариқи дашном хитобан ба касе, ки ӯро ба ҳоли худ вогузор мекунанд, гуфта мешавад; б) бало ба пасаш! (*дар мавриди таскини ғаму андӯҳи офате ба касе мегӯянд*).

**ЗАДАНӢ** زدنی *сифати феълии замони оянда аз* **задан**; сазовор ба задан; **гапи заданӣ** гапи лоиқи гуфтан; *касе* **гап заданӣ** касе сухан гуфтан мехоҳад; **заданӣ шудан** задан хостан.

**ЗАДАШУДА** زده‌شده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **зада шудан**; кӯфташуда; расондашуда; бархӯрда. 2. аз кор (*ё* мансаб) рондашуда, нузулёфта.

**ЗАДУХӮРД** زدوخورد 1. ҷанг, ҷангидан, ҳарбу зарб, муҳориба. 2. афтударафт, даст ба гиребон шудан; **задухӯрдҳои дохилӣ** ҷангҳои дохилии мамлакат.

**ЗАИФ** *а.* ضعیف 1. суст, камзӯр нотавон; *муқоб.* **қавӣ, зӯр**. 2. оҷиз, дармонда, бечора, мустазъаф; **нури заиф** нури хира, рӯшноии андак; **садои заиф** садои паст, овози нарм; **заиф шудани ақл** кунд ва паст шудани фаъолияти ақлонӣ. 3. *маҷ.* зан.

**ЗАИФА** *а.* ضعیفه 1. *муаннаси* **заиф**. 2. зан, аврат.

**ЗАИФАНДОМ** ضعیف‌اندام лоғарандом, наҳиф.

**ЗАИФБАДАН** ضعیف‌بدن *ниг.* **заифандом**.

**ЗАИФБУНЁД** ضعیف‌بنیاد сустбунёд; камзӯру камқувват, лоғар.

**ЗАИФДИЛ** ضعیف‌دل *маҷ.* тарсончак, тарсу, буздил.

**ЗАИФДИЛӢ** ضعیف‌دلی *маҷ.* тарсончакӣ, тарсуӣ, буздилӣ.

**ЗАИФӢ** ضعیفی сустӣ, нотавонӣ, аҷз.

**ЗАИФКОЛБУД** ضعیف‌کالبد *кит.* заифтан, нотавон.

**ЗАИФНОЛӢ** ضعیف‌نالی суханҳои тараҳҳумхоҳона гуфтан; зориву тавалло кардан, изҳори аҷз намудан.

**ЗАИФОВОЗ** ضعیف‌آواز он ки овози пасту нарм дорад.

**ЗАИФОНА** ضعیفانه 1. оҷизона. 2. *маҷ.* занона.

**ЗАИФТАН** ضعیف‌تن *ниг.* **заифандом**.

**ЗАИФҶУССА** ضعیف‌جثّه *ниг.* **заифандом**.

**ЗАЙБАҚ** *а.* زیبق симоб, ҷева.

**ЗАЙҒАМ** *а.* ضیغم шер, шери беша, шери даранда.

**ЗАЙД** *а.* زید *маҷ.* фалонӣ, фалон кас.

**ЗАЙЛ** *а.* ذیل 1. *кит.* доман, домани ҳар чиз. 2. дунбола, давоми чизе; поён; **дар зайл** дар поён, дар зер. 3. тарз, тавр, ранг; **ҳамин зайл** ба ҳамин тариқ; **як зайл** а) як хел; б) муттасил, пайваста. 4. *кит.* доманаи кӯҳ.

**ЗАЙМАРОН** *а.* ضیمران райҳони ёбоӣ, як навъ гиёҳи хушбӯй, шоҳисфарам.

**ЗАЙН** *а.* زین *кит.* 1. зинат, зевар, ороиш. 2. *маҷ.* хубӣ, некӯӣ.

**ЗАЙТУН** *а.* زیتون дарахти ҳамешасабз (*дар кишварҳои гарм*), ки меваи онро дар намак хобонда мехӯранд; аз меваи он равған мегиранд, ки дар саноати хӯрокворӣ ва тиб истифода мешавад.

**ЗАЙТУНӢ** زیتونی ранги сурхи ба зардӣ моил: **ранги зайтунӣ**.

**ЗАЙФ** *а.* ضیف 1. меҳмон. 2. мусофир.

**ЗАЙЪАТ I** *а.* ضیعت нобуд шудан, барбод шудан.

**ЗАЙЪАТ II** *а.* ضیعت *кит.* обу замин, мулк, замини зироатӣ.

**ЗАКАР** *а.* ذکر *кит.* 1. нар, нарина, мард. 2. олати таносули мард.

**ЗАКИТАБЪ** *а.* ذکی‌طبع *ниг.* **закӣ**.

**ЗАКӢ** *а.* ذکی заковатманд, тезфаҳм, ҳушёр.

**ЗАКО** *а.* ذکا теззеҳнӣ, зиракӣ.

**ЗАКОВАТ** *а.* ذکاوت тезии фаҳм ва идрок, зиракӣ, ҳушмандӣ.

**ЗАКОВАТМАНД** ذکاوتمند хушзеҳн, зирак.

**ЗАКОВАТНОК** ذکاوتناک *ниг.* **заковатманд**.

**ЗАКОТ** *а.* زکات 1. *кит.* покӣ, покизагӣ. 2. *д.* ҳиссаи маълуме, ки ҳар як мусулмон мувофиқи фармудаи шариат аз даромад ва дороии худ бояд ҳар сол ба фақирон ва мӯҳтоҷон бидиҳад.

**ЗАКОТЧӢ** زکاتچی *таър.* ҷамъкунандаи закот дар аморати Бухоро; шахсе, ки аз роҳгузарон, корвониён *ва г.* андоз ва ҳаққи роҳ мегирифт, омили закот, ҷамъкунандаи закот.

**ЗАҚАН** *а.* ذقن манаҳ, занах, занахдон.

**ЗАҚҚУМ** *а.* زقوم 1. як навъ дарахти заҳршира; мувофиқи ақидаи динӣ, дарахти талхмевае дар дӯзах, ки хӯроки дӯзахиён мешудааст. 2. *маҷ.* ҳар чизи талху заҳрдор ва кушанда: **заҳру заққум**.

**ЗАЛ** زل *ниг.* **толор**; хона барои пазироии меҳмонон.

**ЗАЛАЛ** *а.* زلل 1. лағзиш. 2. хато, ғалат, нуқсон.

**ЗАЛИЛ** *а.* ذلیل хор, ҳақир, забун.

**ЗАЛИЛӢ** ذلیلی хорӣ, ҳақирӣ, забунӣ.

**ЗАЛИЛОНА** ذلیلانه ҳақирона; мутеона.

**ЗАЛЛА I** *а.* زلّه 1. таом ё хӯрданиҳое, ки дар зиёфат ё тӯйҳо ба меҳмон барои бо худ гирифта бурдан медиҳанд. 2. таоми нигоҳдошта, пасмондаи хӯрок, саркут.

**ЗАЛЛА II** زلّه ҳашараи малахмонанд, чирчирак.

**ЗАЛЛАБАНД** زلهبند рӯмоле, ки дар он заллаи аз ҷое гирифтаи худро мебанданд.

**ЗАЛОЗИЛ** *а.* زلازل *ҷ.* **зилзила**.

**ЗАЛОЛ** *а.* ضلال *кит.* баромадан аз роҳи рост, гумроҳ шудан, гумроҳӣ.

**ЗАЛОЛАТ** I *а.* ضلالت хорӣ, залилӣ, зиллат, забунӣ.

**ЗАЛОЛАТ** II *а.* ضلالت *кит.* каҷравӣ аз роҳи рост, гумроҳӣ.

**ЗАМ I** زم *кит.* 1. сардӣ. 2. боди сард.

**ЗАМ II** زم *кит.* ҷоғ, факк.

**ЗАМ(М) I** *а.* ضم пайвастани чизе ба чизи дигар, илова; **ба (бар) замми ин**… ба болои ин…, илова бар ин…, ба ғайр аз ин; **зам кардан (намудан)** илова намудан, ҳамроҳ кардан; **зам шудан (гаштан)** ҳамроҳ шудан, илова гаштан; **харад – зам кун, нахарад – кам кун** (м*аҷ.*).

**ЗАМ(М)** II *а.* ذم *кит.* 1. накӯҳиш, маломат. 2. бадгӯӣ, ҳаҷв, мазаммат.

**ЗАМАН** *а.* زمن *кит. шакли дигари* **замон** (1).

**ЗАМБӮРУҒ** زمبوروغ *ниг.* **занбӯруғ**.

**ЗАМБӮРУҒБИРЁН** زمبوروغبريان занбӯруғи дар равған бирёншуда.

**ЗАМБӮРУҒЗОР** زمبوروغزار ҷои зиёд рӯидани занбӯруғ.

**ЗАМЗАМ** I *а.* زمزم номи чоҳест дар Макка (*наздики Каъба*).

**ЗАМЗАМ** II زمزم фасли Занд (*чордаҳуми китоби муқаддаси*) зардуштиён.

**ЗАМЗАМА** زمزمه хониш ва суруд бо овози паст; нағма ва суруде, ки зери лаб оҳиста хонда мешавад; **замзама кардан (намудан)** зери лаб, оҳиста сурудан, тараннум кардан.

**ЗАМИМ** *а.* ذميم нописандида, зишт, бад.

**ЗАМИМА** *а.* ضميمه чизе, ки ба чизе зам карда мешавад, илова: **замимаи мактуб**.

**ЗАМИН** I زمين 1. хок. 2. масоҳате, ки ба қитъаҳо ҷудо карда, дар он киштукор мекунанд, киштзор, мазраа; **ислоҳоти замин** *ниг.* **ислоҳот; замини вақф** *таър.* замине, ки аз тарафи касе ба масҷид, мадраса *ва г.* бахшида мешуд, ба шарти истифодаи даромади он ба таъмири ин биноҳо ва таъмини талаба, мударрис ва ходимони онҳо; **замини дарёбод** замини беоби соҳилҳои дарё; **замини кишт** киштзор, мазраа; **замини мурда** замине, ки дар натиҷаи солҳо кишт накардан ғайри қобили зироат шудааст; **замини обӣ** киштзори обёришаванда, ғайри лалмӣ; **замини обчакорӣ** қитъае, ки дар он сабзавот кишта шудааст; **замини пахта** пахтазор; **замини фарбеҳ** замини ҳосилхез. 3. таги ҳар чиз: **замини ҳавз, замини хона** *ва г.* 4. кураи арз, яке аз сайёраҳое, ки мо, инсонҳо, дар он ҳаёт ба сар мебарем. 5. мамлакат, кишвар; **замину замон** тамоми дунё; ҷаҳон; **ба замин задан** а) ба замин андохтан, ба хок яксон кардан чизе ё касеро; беҳурмату беқадр кардан касеро; б) мағлуб кардан; **ба замин задани сухани** *касе* гапи касеро ба эътибор нагирифтан; хоҳиши касеро иҷро накардан; **замин кафид(а), одам баромад** одам ниҳоят бисёр буд, мардум хеле зиёд буд; **замин накафид, ки дароям** бисёр шарм доштам, сахт хиҷолат кашидам; **замин сахту осмон баланд** ҳеҷ илоҷ нест, ҳеҷ чора нест; дар ҷое ба доди касе намерасанд; **фарқ аз замин то осмон аст** дар байни ду чиз тафовут ниҳоят калон аст.

**ЗАМИН II** *а.* زمين *кит.* барҷомонда, он ки ба сабаби беморӣ аз ҷой ҷунбида наметавонад ё бо пой рафта наметавонад.

**ЗАМИН III** *а.* زمين *кит.* гарав, қавл.

**ЗАМИНА** زمينه 1. асос; таҳкурсӣ, поя; **дар заминаи**... дар асоси…; **замина тайёр кардан** шароити мусоид ба вуҷуд овардан барои иҷрои коре. 2. тарҳи нақша; асли матоъ ё лавҳа, ки рӯи он нақшу гулҳои рангоранг кашида мешавад.

**ЗАМИНБӮС** زمينبوس 1. он ки замини адаб бӯсад, хокро бӯсида таъзим кунад. 2. таъзимкунанда, мутеъ, фармонбардор.

**ЗАМИНБӮСӢ** زمينبوسی бӯсидани замини адаб, бӯсидани хок барои таъзим.

**ЗАМИНВАСЛА** زمین‌وصله ба замин васл шудани сими барқ ба мақсади барқрезон

**ЗАМИНГИР** زمین‌گیر 1. он ки хоҳиши ба даст овардани заминро дорад. 2. он ки аз ҷояш хеста наметавонад, азпомонда, барҷомонда (*ба сабаби пирӣ ё беморӣ*).

**ЗАМИНДОР** زمین‌دار он ки замини кишти хусусӣ дорад, соҳиби замин; мулкдор.

**ЗАМИНДОРӢ** زمین‌داری соҳиби замин будан, заминдор будан.

**ЗАМИНДӮЗӢ** زمین‌دوزی навъи зардӯзӣ, ки тамоми рӯи порча бо зар ё абрешим дӯхта мешавад.

**ЗАМИНӢ** زمینی *мансуб ба* **замин**; ҳар чизе, ки дар замин аст; *муқоб.* **осмонӣ**.

**ЗАМИНКАН** زمین‌کن 1. хонаи зеризаминӣ; иқоматҷои тагизаминӣ (*дар майдони ҷанг*). 2. коргаре, ки замин меканад: **дастаи заминканҳо**.

**ЗАМИНКАНӢ** زمین‌کنی амали коргари заминкан; кандани замин.

**ЗАМИНКОВ** زمین‌کاو *ниг.* **заминкан** 2: **коргарони заминкови роҳи оҳан**.

**ЗАМИНКУШО** زمین‌کشا он ки заминҳои нокорам ва бекорхобидаро қобили кишт мегардонад.

**ЗАМИНКУШОӢ** زمین‌کشائی қобили кишт гардонидани заминҳои бекорхобида.

**ЗАМИНКӮБ** زمین‌کوب 1. кас ё ҳайвоне, ки ба замин по мекӯбад. 2. *киноя аз* асп. 3. чизе, ки бо он замин мекӯбанд.

**ЗАМИНЛАРЗА** زمین‌لرزه *ниг.* **зилзила**.

**ЗАМИНПАЙМО** زمین‌پیما *кит.* 1. сафаркунанда, сайёҳ. 2. паймоишгари замин, масоҳатсанҷ, танобчӣ, танобкаш.

**ЗАМИНРОН** زمین‌ران деҳқоне, ки заминро шудгор мекунад.

**ЗАМИНРОНӢ** زمین‌رانی замин шудгор кардан.

**ЗАМИНСОЗӢ** زمین‌سازی *ниг.* **заминкушоӣ**.

**ЗАМИНХЕЗ** زمین‌خیز *кит.* он чи аз замин ҳосил мешавад, ҳосил, маҳсул.

**ЗАМИНҶУНБӢ** زمین‌جنبی *ниг.* **зилзила**.

**ЗАМИР** I ضمیر *а.* 1. қалб; даруни дил, ботини инсон. 2. он чи аз дил мегузарад, андеша. 3. сир, рози ниҳонӣ; **замири дил** *киноя аз* рози ниҳонӣ.

**ЗАМИР** II ضمیر *кҳн., збш.* ҷонишин.

**ЗАМИСТОН** زمستان *ниг.* **зимистон**.

**ЗАМӢ** زمی *шакли кӯтоҳшудаи* **замин** I.

**ЗАММА** *а.* ضمّه *збш.* аломатест дар алифбои арабии тоҷикӣ (ُ), ки барои ифодаи садоноки «у» дар болои ҳарфҳои ҳамсадо ва ҳарфи алиф гузошта мешавад, пеш.

**ЗАМОН** *а.* زمان 1. вақт, ҳангом, айём; давр, аҳд; **ба (бо) мурури замон** бо гузашти вақт; **дар айни замон** дар як вақт; бо баробари ин; **дар замони** дар вақти; дар даври. 2. ҳамоно, ба маҳзи… (*ба ин маъно танҳо ҳамроҳи феълҳо меояд*: **омадан замон, даромадан замон, истодан замон** *ва г.*); **ҳамин замон** ҳамин асно, ҳозир, ҳамин ҳоло. 3. *збш.* категорияи дастурии хоси феълҳо, ки муносибати гӯяндаро ба вақти амалу ҳолат ифода мекунад: **замони гузашта, замони ҳозира-оянда**.

**ЗАМОНА** زمانه 1. *ниг.* **замон** 1. 2. гардиши замон; рӯзгор. 3. *маҷ.* олам, дунё, ҷаҳон; **аз дасти замона** аз ҷабри рӯзгор; аз азобу машаққати дунё; **гарму сарди замонаро аз сар гузаронидан** неку бади рӯзгорро дидан; таҷрибадор шудан.

**ЗАМОНАСОЗ** زمانه‌ساز он ки мувофиқи шароит ва тақозои замона (*бар хилофи ақидаи худ*) рафтор мекунад, касе, ки ба замона созгор шудан мехоҳад, ибнулвақт.

**ЗАМОНАСОЗӢ** زمانه‌سازی мувофиқи шароит ва тақозои замона рафтор кардан, бо замона созгор шудан; дурӯягӣ: **замонасозӣ кардан**.

**ЗАМОНАТ** *а.* ضمانت кафилӣ, зоминӣ, кафолат.

**ЗАМОНБАНДӢ** زمان‌بندی муайян кардани вақт ва замони муайян барои иҷрои коре, мӯҳлатбандӣ.

**ЗАМОНГИРӢ** زمان‌گیری соҳиби замон шудан.

**ЗАМОНИҶАНГӢ** زمان‌جنگی *мансуб ба* **замони ҷанг**; он чи дар давраи ҷанг ба вуқӯъ омадааст: **ҳикояҳои замониҷангӣ**.

омадааст: **ҳикояҳои замоничангӣ**.

**ЗАМОНӢ//ЗАМОНАВӢ** زمانی//زمانوی *мансуб ба* **замон**; **улуми замонӣ** илмҳое, ки дар давраи муайян роиҷ ва машҳуранд, илмҳои замонавӣ.

**ЗАМОРУҒ** زماروغ *ниг.* **занбӯруғ**.

**ЗАМҲАРИР** زمهریر 1. сармои бисёр сахт, шиддати сармо. 2. ҷои бисёр сард; **сармои замҳарир**.

**зан** زن 1. *асоси замони ҳозира – оянда аз* **задан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* зананда: **шохзан, зарбазан, роҳзан, торзан, муштзан**.

**ЗАН** زن 1. ҷинси модинаи инсон, ҷинси муқобили мард. 2. завҷа, аёл, ҳамсари мард; **зани бева** зани бешавҳар, бевазан; **зани меҳнатӣ** зани меҳнатдӯст, зани серғайрат; **зани муштипар** зани нотавон, оҷиза, заифа; **зан гирифтан** духтареро ба ақди никоҳи худ даровардан, издивоҷ кардан, хонадор шудан; **зан додан** *касеро* зандор кардан, хонадор намудан касеро; **зан шудан** *ба касе* ба шавҳар баромадан, бо марде издивоҷ кардан, ба қайди никоҳи марде даромадан.

**ЗАНАБ** *а.* ذنب 1. дум, дунб. 2. тарафи дунболаи галаситораи Аждаҳо (*тарафи дигараш Раъс номида мешавад*).

**ЗАНАК** زنک *шакли тасгири* **зан**; хитобан нисбат ба занон гуфта мешавад (*дар забони омма).*

**ЗАНАКА** زنک *ниг.* **занак**.

**ЗАНАКАБОЗ** زنکه‌باز *ниг.* **занбоз**.

**ЗАНАКАБОЗӢ** زنکه‌بازی *ниг.* **занбозӣ**.

**ЗАНАКБОЗ** زنکباز *ниг.* **занбоз**.

**ЗАНАНДА** زننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **задан**; зарбазананда, кӯбанда, латкунанда.

**ЗАНАХ** زنخ манаҳ, зақан, чона; **занах задан** бисёр гап задан, лаққидан; лоф задан.

**ЗАНАХДОН** زنخدان *ниг.* **занах**.

**ЗАНБ** *а.* ذنب *кит.* гуноҳ, ҷурм, айб.

**ЗАНБАҚ** *а.* زنبق навъе аз савсан, ки гули сафеди хушбӯ дорад.

**ЗАНБАМУЗД** زننده марде, ки аз номуси зани худ бепарво бошад, дайюс.

**ЗАНБАР** زنبر сабади байни ду чӯб бофташуда ё тахтаи дар ду чӯб задашуда, ки бо он хоку хишт ва дигар чизҳоро дукаса мекашонанд.

**ЗАНБАРАК//ЗАНБӮРАК** زنبرک//زنبورک *кҳн.* тӯпи хурде, ки дар замонҳои пеш ба шутур бор мекарданд.

**ЗАНБАРҒАЛТАК** زنبرغلتک аробачае, ки дар тарафи пеши он як ғалтак шинонда шудаасту ду дастаи тарафи дигари онро ба даст гирифта хоку хишт *ва г.* мекашонанд.

**ЗАНБАРКАШ** زنبرکش он ки дар занбар бор мекашонад.

**ЗАНБАРМИЁН** زنبرمیان чорпои миёнаш хам (*хусусан аспу хар*).

**ЗАНБАШАРА** زنبشره занмонанд, бо афту андоми занона.

**ЗАНБЕЗОР** زنبیزار он ки нисбат ба занҳо нафрат дорад, мутанаффир аз зан.

**ЗАНБИЛ** زنبیل сабади аз химчаҳо бофтаи дудаста.

**ЗАНБИЛБОФ** زنبیلباف касе, ки сабад мебофад, сабадбоф.

**ЗАНБИЛБОФӢ** زنبیلبافی сабадбофӣ.

**ЗАНБОЗ** زنباز марди айёше, ки аз дунболи занон мегардад, занпараст, зандӯст.

**ЗАНБОЗӢ** زنبازی амали марди занбоз.

**ЗАНБОРА** زنباره *ниг.* **занбоз**.

**ЗАНБӮРУҒ** زنبوروغ навъе аз растанист, ки фақат аз тана иборат буда, реша, барг ва гул надорад, дар баҳорон дар ҷойҳои сернам мерӯяд, (*як қисми онҳо хӯрданбоб, қисми дигарашон заҳр-ноканд*) саморуғ, қорч, чағора, чора.

**ЗАНБӮР** زنبور навъи ҳашароти парандаи хурди нешзан, ки хелҳои гуногун дорад, ору, кабт; **занбӯри асал** занбӯре, ки асал медиҳад; **занбӯри ҷиззак** занбӯри зардак, занбӯри ғингак (бингак).

**ЗАНБӮРАК** زنبورک 1. *шакли тасгири* **занбӯр**; занбӯри хурд. 2. *ниг.* **занбарак**.

**ЗАНБӮРБОН** زنبوربان нигоҳубинкунандаи занбӯрҳои асал.

**ЗАНБӮРПАРВАРӢ** زنبورپروری парвариши занбӯри асал.

**ЗАНБӮРХОНА** زنبورخانه 1. хонаи занбӯр, лонаи занбӯр; кандуи оруи асал. 2. *мац.* ҷои серғавғою мағал.

**ЗАНГ** I زنگ 1. ғуборе, ки дар рӯи филизоти дар ҷои нам истода ба вуҷуд омада, онро оҳиста-оҳиста нобуд мегардонад; **занг задан (бастан)** зангор гирифтани рӯи филиззот, мурёна. 2. *мац.* ғубор, кудурат; **занги дил** ғубори дил; ғаму андӯҳ. 3. танаи ғафси ток.

**ЗАНГ** II زنگ 1. олати қуббашакли филизии дарунхолие, ки овезаи дар дарунаш буда вақти ҷунбондан ба деворахо расида, садо мебарорад, зангӯла, ҷарас: **занги дар (дарвоза), занги соат, занги мактаб, занги телефон, соат занги нӯҳро зад**. 2. зангӯлачаҳое, ки раққосагон ба дасту пои худ мебанданд ва дар вақти даст ҷунбондан ва по кӯфтан садо медиҳанд; ◊ **занги нӯш** садои ба ҳам задани ҷомҳо дар базми шароб.

**ЗАНГБАСТА** زنگبسته *сифати феълии замони гузашта аз* **занг бастан**; занггирифта, зангпайдокарда.

**ЗАНГДОР** زنگدار зангӯладошта, зангнок; **соати зангдор** а) соате, ки дар ҳар як соат ё ним соат занги он садо медиҳад; б) соати рӯимизие, ки дар вақти матлуб занги он садо дода метавонад.

**ЗАНГЗАДА** زنگزده *сифати феълии замони гузашта аз* **занг задан**; зангбаста, зангдоршуда, занг пайдокарда.

**ЗАНГЗАН** زنگزن **:зангзани калисо** ба садо дароварандаи ноқусҳо дар калисо.

**ЗАНГИЁНА** زنگیانه *кит.* беолоиш, сода.

**ЗАНГИЛА** زنگله *тиб.* беморие, ки аз норасоии витаминҳо сар зада, одамро беҳол месозад ва ҳатто дандонҳоро мерезонад.

**ЗАНГИМИЗОҶ** زنگیمزاج *кит., киноя аз* одами хурсандухушҳол.

**ЗАНГИР**زنگیر зангиранда, зандоршаванда, хонадоршаванда.

**ЗАНГИРӢ** زنگیری зан гирифтан, хонадор шудан.

**ЗАНГӢ** زنگی одами сиёҳпӯст, ҳабаш.

**ЗАНГНОГИР** زنگناگیر филизе, ки занг пайдо намекунад: **пӯлоди зангногир**.

**ЗАНГОР** زنگار 1. занги филиз, оина *ва г.* 2. ранге, ки онро аз занги мис тайёр мекунанд. 3. ранги сабзи баланд. 4. *мац.* гирифторӣ ба ғаму андӯҳи сахт; **зангор кардан** ба ғаму андӯҳ гирифтор сохтан.

**ЗАНГОРӢ** زنگاری ба ранги зангор, сабзранг.

**ЗАНГОРБАСТА** زنگاربسته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **зангор бастан**; зангбаста, зангнокшуда. 2. мац. ниҳоят зиқшуда, андӯҳнок.

**ЗАНГОРРАНГ** زنگاررنگ ба ранги зангор, зангорӣ, сабзи баланд.

**ЗАНГОРТОБ** زنگارتاب зангормонанд, ранги моил ба зангорӣ; сабз.

**ЗАНГОРХӮРДА** زنگارخورده зангзада, занггирифта.

**ЗАНГӮЛА** زنگوله занги хурд, ҷарас (*хусусан зангӯлае, ки ба гардани бузу гӯсфанд ва шутур мебанданд*).

**ЗАНГӮЛАДОР** زنگوله‌دار 1. дорои зангӯла. 2. ҷарангосӣ, марғуладор: **овози зангӯладор**.

**ЗАНГӮЛАЧА** زنگوله‌چه зангӯлаи хурд.

**ЗАНҒАР** زنغر дашном ба марде, ки ба сабукпоии занаш беаҳамият аст, дайюс, қалтабон.

**ЗАНД** زند номи китоби тарҷума ва тафсири Авесто ба забони паҳлавӣ.

**ЗАНДОР** زندار марде, ки зан дорад, марди оиладор; *муқоб.* **безан; зандор шудан** хонадор шудан, зан гирифтан.

**ЗАНДОРӢ** زنداری зан доштан, оиладор будан; хонадорӣ.

**ЗАНДӮСТ** زندوست 1. марде, ки зани худро бисёр дӯст медорад ва эҳтиром мекунад. 2. занбоз, занпараст.

**ЗАНДӮСТӢ** زندوستی амали марди зандӯст; занпарастӣ.

**ЗАНИШ** زنش *исми амал аз феъли* **задан**.

**ЗАНӢ** زنی ба сифати зан; ҳамсарӣ, завҷагӣ; **ба занӣ қабул кардан (гирифтан)** издивоҷ кардан, ба никоҳи худ даровардан; **ба занӣ додан** ба шавҳар додан.

**ЗАНМИЗОҶ** زنمزاج марде, ки табиат ва феълу атвораш занона аст.

**ЗАНМУРДА** زنمرده марде, ки занаш мурдааст.

**ЗАНН** *а.* ظن гумон, пиндошт, ҳадс; *муқоб.* **яқин; занни бад** гумони бад; **занни ғолиб** гумони ба ҳақиқат наздик, эҳтимоли қавӣ.

**ЗАНОЗАНӢ** زنازنی ҳамдигарро задану кӯфтани ду шахс ва ё ду тарафи мухолиф, даст ба гиребон шудан, ҷангу ҷидол, задухӯрд.

**ЗАНОН** زنان *феъли ҳол аз* **задан; занон-занон бурдан** зада-зада, кӯфта-кӯфта бурдан.

**ЗАНОНА** زنانه *мансуб ба* **зан**; ҳар чизи хос ба занҳо: **кафши занона, либоси занона**.

**ЗАНОНДАН//ЗАНОНИДАН** زناندن//زنانیدن *тарзи бавоситаи* **задан**; касеро барои задани шахсе водор ва маҷбур кардан.

**ЗАНОШӮӢ** زناشوئی зану шавҳар шудан, издивоҷ.

**ЗАНПАРАСТ** زنپرست *ниг.* **зандӯст**.

**ЗАНПАРАСТӢ** زنپرستی *ниг.* **зандӯстӣ**.

**ЗАНСЕТАЛОҚ** زنسه‌طلاق он ки занашро се талоқ кардааст (*оҳанги таҳқирӣ дорад*).

**ЗАНТАБИАТ** زنطبیعت 1. дорои табиати латифу нозуки занона; нозуктабъ. 2. *ниг.* **занмизоҷ**.

**ЗАНТАЛОҚ** زنطلاق марде, ки аз рӯи шариат аз занаш ҷудо шудааст ё ҷудошуда ҳисоб меёбад.

**ЗАНТАЛОҚӢ** زنطلاقی занталоқ кардан, аз зан ҷудо шудан; **аз занталоқӣ қасам хӯрдан** дар сурати шикастани қасам зани худро талоқшуда эълон кардан.

**ЗАНҶАБИЛ** زنجبیل гиёҳе, ки асосан дар Ҳиндустон мерӯяд ва дар решааш ғуддаҳои тундмазаи хушбӯй пайдо мешавад, чун дорувор ба таом ҳамроҳ мекунанд ва дар тиб низ ба кор меравад, қаранфул.

**ЗАНҶАЛАБ** زنجلب *ниг.* **занғар**.

**ЗАНҶАЛЛОБ** زنجلاب *гуфт.* марде, ки хариду-фурӯши занон шуғли ӯ бошад; зуд-зуд зан гирифта, талоқ медиҳад.

**ЗАНҶИР** زنجیر 1. ҳалқаҳои ба ҳам гузарондашудаи филизӣ ба шакли ришта ё таноб, силсила. 2. *таър.* занҷири махсусе, ки барои нагурехтани муҷримон ва девонагон ба дасту пой ва ба гардану миёни онҳо мебастанд, завлона; **занҷири дар** ё **дарвоза** олати филизии махсус барои баста маҳкам кардани дару дарвоза; **занҷир бастан (задан)** банд кардан ба воситаи занҷир; **занҷир кардан** ба занҷир бастани дару дарвоза. 3. адад дар саршумории филҳо.

**ЗАНҶИРА** زنجیره 1. ҳар чизи монанд ба занҷир: **занҷираи тиллоии соат**. 2. нақши занҷирмонанд дар гирдогирди тасвир ва канндакориҳо.

**ЗАНҶИРБАНД** زنجیربند бо занҷир баста; **занҷирбанд кардан** бо занҷир бастан; занҷир задан; бандӣ кардан; **роҳро занҷирбанд кардан** пеши роҳро бо занҷир бастан, умуман роҳро банд кардан.

**ЗАНҶИРВОР** زنجیروار монанди занҷир, занҷир барин.

**ЗАНҶИРГОҲ** زنجیرگاه *кит.* лангаргоҳ, истгоҳи киштиҳо.

**ЗАНҶИРГУСИСТА** زنجیرگسسته он ки ва он чи банд ва занҷирро кандааст; аз банд раҳошуда: **шери занҷиргусиста**.

**ЗАНҶИРДОР** زنجیردار дорои занҷир, занҷирдошта.

**ЗАНҶИРӢ** زنجیری 1. *мансуб ба* **занҷир**; занҷирбандшуда. 2. *маҷ.* девона; бандӣ.

**ЗАНҶИРМӮӢ** زنجیرموی он ки мӯи ҷингила дорад, мӯи ҳалқа-ҳалқа.

**ЗАНҶИРЧА** زنجیرچه *шакли тасғири* **занҷир**; занҷири хурду борик.

**ЗАНҶИРШАКЛ** زنجیرشکل занҷирмонанд, монанди силсилаи занҷир.

**ЗАНШАВАНДА** زنشونده *сифати феълии замони ҳозира аз* **зан шудан**; духтаре, ки ба зании касе номзад шудааст, арӯс.

**ЗАП** زپ *гуфт., ҳиссача* аҷаб, ҳайратовар, заб: **зап кор кардед**.

**ЗАР** زر 1. филизи зарди қиматбаҳо, тилло, заҳаб. 2. тиллои маскук; пул; сарват; **зари дағал // зари қалб** тиллои носара, ғайри холис; **зари комилъиёр // зари ноб** тиллои асил, беғаш, холис, аъло; **зари сафед** а) нуқра, сим; б) *кинояаз* пахта, тиллои сафед; **зари сурх** тиллои сурхранги аъло; **зари тилло** тиллои нарми аъло; **хати зар** хате, ки бо зарҳал навишта шудааст.

**ЗАРАБОН** ضربان тапиши дил, задани дил.

**ЗАРАНГ** زرنگ 1. номи дарахти кӯҳии чӯбаш хеле сахт. 2. замини сахтхок. 3. зирак, ҳушёр, доно.

**ЗАРАНГӢ** زرنگی 1. *мансуб ба* **заранг**; **калтаки зарангӣ** чӯбдасти сахту маҳкам (*барои ҷазодиҳӣ*), ки аз дарахти заранг бурида тайёр кардаанд. 2. ҳушёрӣ, зиракӣ.

**ЗАРАНДУД** زرندود он чи ба рӯи он оби тилло давонда шудааст, зарҳалкоришуда, зарнигор.

**ЗАРАНДӮЗ** زراندوز 1. он ки тилло ҷамъ орад. 2. он ки молу сарват гирд оварад .

**ЗАРАНДӮЗӢ** زراندوزی амали зарандӯз.

**ЗАРАР** *а.* ضرر зиён, хисорат; газанд, осеб; **зарар дидан (кашидан)** зиён бурдан.

**ЗАРАРДИДА** ضرردیده *сифати феълии замони гузашта аз* **зарар дидан**; он ки осебе ё зиёну хисорате дидааст, озоррасида.

**ЗАРАРКУНАНДА** ضررکننده *сифати феъли замони ҳозира аз* **зарар кардан**; зарарасон; зиёнкор.

**ЗАРАРНОК** ضررناک зараровар, осебрасонанда.

**ЗАРАРОВАР** ضررآور зиёновар, осебрасон.

**ЗАРАРРАСОН** ضررسان *ниг.* **зараровар: ҳашароти зарарасон**.

**ЗАРАРРАСОНӢ** ضررسانی расонидани зарар, ворид кардани зарар.

**ЗАРАФШОН** زرفشان 1. нисоркунандаи зар, зарпош. 2. номи дарёи машҳур дар Осиёи Миёна.

**ЗАРБ** *а.* ضرب 1. задан, заниш, зарбат, осеб. **зарбу лат** а) шатта, шаллоқ, калтак; б) *маҷ.* талхӣ, нокомӣ: **зарбу лати ҳаётро бисёр дидааст; зарб хӯрдан** лат хӯрдан, осеб дидан, зарар дидан. 2. *маҷ.* зӯр, қувва; **зарби шатта** зӯри шатта. 3. садои мавзуну хушоянди созҳои зарбӣ (*аз қабили* доира ва нақора), ки созҳои дигар ба мисли тору танбӯр *ва г.* ба он нағмаҳои худро ҷӯр мекунанд; усули мусиқӣ, ки ба тартиби муайян ва пайдарҳам омадани овозҳо асос меёбад. 4. сикка, сикказада, маскука (*оид ба* танга, пул). 5. *риёз.* яке аз чор амали асосии илми ҳисоб, ки аз мукарраран зам кардани як адад бо миқдори воҳидҳои адади дигар иборат мебошад (*мас., 3 зарби 4, яъне адади 3 чор мартаба такрор карда шавад, аз ҳосили зарби он адади 12 ба даст меояд*); **зарб задан // зарб кардан** амали зарбро иҷро кардан; ◊ **зарби масал** эроди масал, масал овардан; **аз зарби…** аз зӯрии, аз шиддати… **ба зарб** сахт, бо шиддат, бо зӯри тамом; **долу зарб** ҷӯшу хурӯш, авҷи коре, **ҳарбу зарб** занозанӣ; ҷанг, муҳориба, мубориза; **хирс мулло мешавад аз зарби чӯб** (*зарб.*).

**ЗАРБА** *а.* ضربه 1. *ниг.* **зарб** 1; садама, латма; **зарбаи дил** задани қалб, тапиши дил; **зарбаи ҷонкоҳ** зарбаи бисёр сахт. 2. сахт задан, бархӯрди сахт ва ногаҳонии чизе ба чизе, такони якбора ва сахт; **зарбаи ҷавобӣ** ҳуҷуме, ки дар муқобили ҳамлаи касе карда мешавад; **зарбаи қатъӣ** ҳамлаи шадид, ҳуҷуми қотеона; **бо як зарба** ба як зӯр задан; бо як ҳамла: **ӯ бо як зарба дарро кушода берун рафт; зарба задан** задан, кӯфтан; лат додан; **зарба хӯрдан** а) осеб дидан, лат хӯрдан; б) шикаст хӯрдан; **зарба шинондан** задан (*бо даст, шаллоқ ва г.*)

**ЗАРБАГИР** ضربه‌گیر он чи зарбаро ба худ мегирад.

**ЗАРБАДОР** ضربه‌دار 1. *ниг.* **зарбдор**. 2. бошиддат, босуръат.

**ЗАРБАТ** *а.* ضربت *ниг.* **зарба**.

**ЗАРБАФТ//ЗАРБАФТА** زربفت//زربفته *ниг.* **зарбофт**.

**ЗАРБАХӮРДА** ضربه‌خورده *ниг.* **зарбхӯрда**.

**ЗАРБАХШ** زربخش 1. *кит.* он ки зар мебахшад, саховатпеша. 2. *ниг.* **зархез**.

**ЗАРББАРДОР** ضرب‌بردار *ниг.* **зарбагир**.

**ЗАРБЕД** زربید навъе аз дарахти бед.

**ЗАРБДОР** ضربدار коргар ё гурӯҳи коргароне, ки корро бо шиддат ва ғайрат пеш бурда, бо сифату маҳсулнокии меҳнат ба дигарон намунаи ибрат мешаванд, пешқадами кор: **зарбдори меҳнат, гурӯҳи зарбдор**.

**ЗАРБДОРОНА** ضرب‌دارانه бо ҷидду ҷаҳди тамом, бо зарба кор кардан.

**ЗАРБӢ** ضربی 1. *мансуб ба* **зарб** 3; **созҳои зарбӣ** асбобҳои мусиқӣ, ки ба воситаи задан навохта мешаванд. 2. *мансуб ба* **амали зарб** (5) дар илми ҳисоб.

**ЗАРБОФТ** زربافت матое, ки аз торҳои зарпеч бофта шудааст; зардӯзӣ кардашуда.

**ЗАРБОФТӢ** زربافتی *ниг.* **зарбофт**.

**ЗАРБСАНҶ** ضربسنج олати андозагири зарб 3.

**ЗАРБУЛМАСАЛ** *а.* ضربالمثل сухани ҳикматноки пандомӯз ва вирди забонгашта, ки дар нутқ ҳамчун мисол оварда мешавад.

**ЗАРБХОНА** ضربخانه ҷое, ки танга сикка мезананд, зарробхона, сиккахона.

**ЗАРБХӮРДА** ضربخورده осебдида, садамадида.

**ЗАРВАРАҚ** زرورق варақаи ҳалли тилло давондашуда.

**ЗАРГАР** زرگر ҳунарманде, ки аз зару нуқра асбобу олоти зебу зинат *ва г.* месозад.

**ЗАРГАРӢ** زرگری 1. касби заргар; ҳунари истеҳсоли маснуоти бадеӣ аз филизоту ҷавоҳирот *ва г.* 2. *мансуб ба* **заргар**. 3. дӯкон ва растаи заргарон дар бозор.

**ЗАРГАРОНА** زرگرانه 1. мисли заргар, ба монанди кори заргар. 2. *маҷ.* хеле резакорона.

**ЗАРГУДОЗ** زرگداز гудозандаи зару нуқра.

**ЗАРГУЗОР** زرگذار касе, ки пулро харҷ накарда, нигоҳ медорад, ҳарис.

**ЗАРГУЛДОР** زرگلدار як намуди парандаи гунҷишкмонанд, ки баъзе ҷойҳои баданаш зарду сабзранг аст, зарғилдоқ, зардак, гунҷишки зардинапар.

**ЗАРГУН** زرگون ба ранги зар, тиллоранг.

**ЗАРГӮШ** زرگوش *ниг.* **харгӯш**.

**ЗАРГӮШПАРВАРӢ** زرگوشپروری *ниг.* **харгӯшпарварӣ**.

**ЗАРҒИЛДОҚ** زرغلدق 1. *кит.* кишт, зироат. 2. *ниг.* **заргулдор**.

**ЗАРД** زرد рангест монанди ранги зар, заъфарон ё зардии тухми мурғ, лимӯранг; **равғани зард** равғане, ки аз шири гов мегиранд.

**ЗАРДА** زرده 1. *ниг.* **заҳра**. 2. қисмати зардранги даруни тухми мурғ. 3. *маҷ.* дӯғу пӯписа; хашмгинӣ; **заҳраву зарда** ҷуръат, ҷасорат; **зарда кардан** *гуфт.* хашму ғазаб ё эътирози худро бо пичингу суханҳои дурушт изҳор кардан.

**ЗАРДАК** زردک 1. ранги ба зардӣ моил, зардча, зардтоб. 2. сабзӣ, бехӣ. 3. *ниг.* **заргулдор**.

**ЗАРДАҶӮШ** زردهجوش эҳсоси сӯзише дар сурхрӯда.

**ЗАРДГУН** زردگون зардранг, зардфом.

**ЗАРДГУНА** زردگونه зардчеҳра, зардрӯ.

**ЗАРДИНА** زردینه ба зардӣ моил, зардтоб, зардак.

**ЗАРДӢ** زردی 1. дорои ранги зард будан; ранги зард. 2. моддаи зардранги даруни тухми мурғ.

**ЗАРДОБ** زرداب 1. оби зардранги ҷурғот. 2. чирки зардранг, ки баъд аз пухта расидани реш аз он мебарояд, фасод, рим, мадда; **зардоб шудан** *киноя аз* бисёр ғаму кулфат кашидан.

**ЗАРДОЛУ** زردآلو 1. дарахти мевадори маъруф аз ҷинси олу. 2. меваи ширину донадори байзашаклу мудаввар ё дарозрӯяи ин дарахт, ки ҳам тару ҳам хушк карда мехӯранд, ғӯлинг; навъҳои машҳури зардолу: **аҳрорӣ, бобоӣ, искодарӣ, кафак, қандак, лучак, мирсанҷалӣ, маҳтобӣ, ниёзӣ, обак, пайвандӣ, пешпазак** ё **ҷавпазак, сафедак, хурмоӣ, ширпайванд** *ва г.*

**ЗАРДОЛУАФШОНӢ** زردالوافشانی ларзондан ё бо чӯб задани шохаҳои дарахти зардолу барои ба тагаш резондану чидани меваҳои пухтаи он.

**ЗАРДОЛУЗОР** زردالوزار ҷое, ки дарахтони зиёди зардолу дорад, боғи дарахтҳои зардолу.

**ЗАРДОЛУОБ** زردالوآب шарбати аз зардолуи хушк тайёр карда, ғӯлингоб.

**ЗАРДОЛУПАЗ//ЗАРДОЛУПАЗӢ** زردالوپز//زردالوپزی мавсими пухтани зардолу, ки ба охири баҳору аввали тобистон рост меояд.

**ЗАРДОЛУЧИН** زردالوچین он ки маҳсули зардолуро аз дарахт мечинад.

**ЗАРДОЛУЧИНӢ** زردالوچینی амали зардолучин.

**ЗАРДОР** زردار пулдор, сарватманд, давлатманд.

**ЗАРДПАРМА** زردپرمه *ниг.* **зардча** (2).

**ЗАРДПӮСТ** زردپوست дорои пӯсти зард: **нажоди зардпӯст** нажоди туркиву муғулӣ ва чиноӣ.

**ЗАРДРӮ** زردرو 1. он ки чеҳрааш зард аст. 2.

*маҷ.* кулфатрасида, ғамдида.

**ЗАРДРӮЙ** زردروئی паридагии ранг, кулфатрасидагӣ.

**ЗАРДТОБ** زردتاب зардча, моил ба зардӣ.

**ЗАРДУШТ** زردشت асосгузори дини зардуштӣ, ки тахминан дар байни асрҳои 7-ум ва 6-уми то мелод зистааст.

**ЗАРДУШТИЯ** زردشتیه *ниг.* **зардуштӣ (кеши зардуштӣ)**.

**ЗАРДУШТӢ** زردشتی 1. *мансуб ба* **Зардушт**. 2. пайрави дини Зардушт; **кеши зардуштӣ** мазҳабе, ки Зардушт, пайғамбари бостонӣ дар асри 7-уми пеш аз мелод асос гузоштааст ва то истиллои араб ва паҳн шудани ислом дини расмии халқҳои Эронзамин ҳисоб мешуд, кеши онҳо бо номи оташпарастӣ низ машҳур аст, зардуштия.

**ЗАРДӮЗ** زردوز ҳунарманде, ки бо торҳои зарину симин дар матоъҳо нақшу нигор медӯзад.

**ЗАРДӮЗӢ** زردوزی 1. пешаи зардӯз; навъе аз ҳунармандист, ки аҳли он бо торҳои симу зар дар порчаҳо гулу нақшҳои гуногун медӯзанд. 2. бо торҳои зарину нуқрагин нақшу нигор дӯхташуда, зардӯзишуда: **тоқии зардӯзӣ**.

**ЗАРДХОК** زردخاک хоки зард, хоки зардча.

**ЗАРДЧА** زردچه 1. зардтоб, моил ба зардӣ; малларанг: **ранги ҳамаи онҳо зардча метобид**. 2. *тиб.* бемориест, ки дар натиҷаи дарди ҷигар ва зиёд шудани заҳра дар хун чашму бадани одамро зардӣ зер мекунад, яроқон, зардпарма, заъфарма.

**ЗАРДЧАШМ** زردچشم он ки чашмаш зард аст.

**ЗАРДЧӮБА//ЗАРЧӮБА** زردچوبه//زرچوبه *бот.* гиёҳест аз ҷинси занҷабилиҳо, ки дар кишварҳои гарм (*Ҳиндустон*, *Африқо ва г.*) ҳамчун гиёҳи ғизоӣ ва дорувор парвариш карда мешавад ва решаи онро кӯфта, барои хуштаъм кардан ба хӯрок меандозанд.

**ЗАРЕА//ЗАРЕАТ** *а.* ذریعه *кит.* восита, василa.

**ЗАРИБА** *а.* ضریبه *кит.* андоз, хироҷ, боҷу хироҷ.

**ЗАРИМ** *а.* زرم *кит.* 1. он ки дар ҷое қарор намегирад. 2. *маҷ.* паст, фурӯмоя.

**ЗАРИН** زرین 1. аз зар сохташуда; тиллоӣ; зарҳал давондашуда. 2. ба ранги зар, зард.

**ЗАРИНКАМАР** زرّین‌کمر 1. камарбанди тилло. 2. он ки камарбанди тиллоӣ ба миён бастааст.

**ЗАРИНТОБ** زرّین‌تاب моил ба ранги зар, тиллоранг.

**ЗАРИР** *а.* ضریر *кит.* нобино, кӯр.

**ЗАРИФ** *а.* ظریف 1. зирак, доно; ҳушёр; дарёбандаи суханҳои хубу нуктаҳои нозук; хуштабъ; шӯхтабъ, базлагӯ, латифагӯ. 2. нозук, латиф, зебо, хушандом.

**ЗАРИФӢ** ظریفی бозарофат будан, зарофатнокӣ; латофат, назокат.

**ЗАРИФОНА** ظریفانه бозарофат, болатофат; боназокат, нозуктабъона.

**ЗАРИҲ** *а.* ضریح *кит.* қабр, гӯр, даври гӯр.

**ЗАРӢ** زری 1. *мансуб ба* **зар** (1). 2. порчаи зардӯзӣ.

**ЗАРКАФИЛ** زرکفیل касе, ки дар байни қарздиҳанда ва қарзгиранда миёнаравӣ мекунад, кафил ва ӯҳдадори пардохти он қарз мешавад.

**ЗАРКАШ** زرکش 1. он ки торҳои зар ба порча кашад. 2. навъе аз матои зарин.

**ЗАРКАШИДА** زرکشیده чизи бо зар дӯхташуда, зарбофт.

**ЗАРКОР** زرکار 1. касе, ки бо оби тилло наққошӣ мекунад; устое, ки пешаи ӯ заркӯбию заркашӣ мебошад. 2. *маҷ.* устои моҳир, устоди кори худ.

**ЗАРКӮБ** زرکوب 1. он ки пешаи ӯ тиллокорӣ кардан аст, устои заркор. 2. он чи бо зару нуқра оро дода шудааст, ҳар чизи заркӯбшуда.

**ЗАРҚ** *а.* زرق *кит.* дурӯягӣ, риёкорӣ, тазвир.

**ЗАРМ** *а.* زرم *кит.* ашк, оби дида.

**ЗАРМОҲӢ** زرماهی намуди ороишии зардмоҳии тиллоранг, ки дар аквариум нигоҳ медоранд.

**ЗАРНАРД** زرنرد тиллоӣ, аз тилло сохташуда.

**ЗАРНИГОР** زرنگار мунаққаш бо зар, бо зару нуқра зинатдода, тиллокоришуда; тиллоӣ.

**ЗАРНИСОР** زرنثار зарбахш, зарпош, зарафшон.

**ЗАРНИХ** زرنیخ гӯгирди бо маргимуш омех-

та.

**ЗАРОБ** زرآب 1. оби зар, зарҳал, ки дар наққошӣ ба кор баранд. 2. *мач.* шароб, шароби зард.

**ЗАРОГИН** زرآگين зарин, пурзар.

**ЗАРОҒАН//ЗАРОҒАНГ** زرآغن//زرآغنگ замини сахти регнок, замини серсанг.

**ЗАРОЛУ** زرآلو навъи олуи зардранг.

**ЗАРОФАТ** ظرافت 1. зиракӣ, доноӣ; хуштабъӣ, нуктасанҷӣ. 2. зарифӣ, назокат, латофат; зебоӣ. 3. ҳазлу шӯхӣ бо лутф ва суханони ширин; базла, латифа.

**ЗАРОФАТГӮЙ** ظرافت‌گوى хушсухан, нозукбаён.

**ЗАРПАЙКАР** زرپيكر аз тилло сохташуда, тиллоӣ.

**ЗАРПАРАСТ** زرپرست дӯстдорандаи тилло ва нуқра; пулпараст.

**ЗАРПЕЧАК** زرپيچک *ниг.* **заҳрпечак**.

**ЗАРПОШ** زرپاش 1. зарфишон, зарпошанда. 2. *мач.* нурафшон, партавафкан.

**ЗАРПОШӢ** زرپاشى 1. зар пошидан. 2. *мач.* нурпошӣ, нурафшонӣ.

**ЗАРПӮШ** زرپوش 1. зарандуд, зарҳал давондашуда. 2. либоси зарбафту зардӯзӣ пӯшида.

**ЗАРР** *а.* ذر *ниг.* **зарра**.

**ЗАРРА** *а.* ذرّه чизҳои бисёр хурд ва борик, ки вақти даромадани нури офтоб аз равзане ба назар менамоянд, ҳар як ҷузъи ғуборе, ки дар шуои офтоб дида мешавад; хурдтарин ҳиссаи чизе (*ҳамчун атом*); ҳар чизи бисёр хурд; миқдори ниҳоят кам, андак; **заррае** *мач.* ҳеҷ.

**ЗАРРАБИН** ذرّه‌بين асбоби махсусе, ки чизҳои ниҳоят майда ва ба чашм нонамоёнро калон карда нишон медиҳад.

**ЗАРРАСОН** ذرّه‌سان монанди зарра.

**ЗАРРЕЗ** زررېز 1. резандаи зар, пошандаи зар. 2. *мач.* босаховат, сахӣ.

**ЗАРРИН** زرّين *ниг.* **зарин**.

**ЗАРРОБ** *а.* ضرّاب касе, ки пул сикка мезанад, сикказан.

**ЗАРРОБХОНА** ضرّاب‌خانه ҷои сикка задани пул, сиккахона.

**ЗАРРОТ** *а.* ذرّات *ҷ.* **зарра**.

**ЗАРРОФА** *а.* زرّافه ҳайвони ширхӯри ҷовандаи бузургҷусса (*ба монанди шутур*), ки гардандароз аст ва пойҳои пешаш баланд мешавад ва дар баданаш мисли паланг холҳои сиёҳу сафед дорад, шутурговпаланг (*ҷои зисташ асосан саҳроҳои Африқо мебошад*).

**ЗАРУД** زرود *кит.* биёбон, саҳро.

**ЗАРУР** ضرور *а.* лозим, даркор, воҷиб: **зарур будан, зарур донистан, зарур шумурдан, зарур ҳисоб кардан; кори зарур** кори муҳим, кори карданаш лозим; **зарур афтодан** лозим шудан.

**ЗАРУРАТ** *а.* ضرورت эҳтиёҷ, лузум, ҳоҷат, ниёз; **аз рӯи зарурат** бинобар эҳтиёҷ.

**ЗАРУРӢ** ضرورى зарур будан; лозима, даркорӣ.

**ЗАРФ** *а.* ظرف 1. ҷогаҳ барои гузоштани чизҳои гуногун (*аз қабили* косаву табақ, шишаву ҷом, сатил *ва г.*); ованд, ҷогаҳ: **зарфи тунукагӣ, зарфи сафолӣ, зарфи чинӣ**. 2. *грам.* ҳиссаи тағйирнаёбандаи нутқ, ки аломати амал ва ҳолатро аз рӯи миқдору сифат, замон, макон, сабаб, мақсад, тарзи вуқӯъ *ва г.* эзоҳ медиҳад: **зарфи замон, зарфи макон, зарфи мақсад, зарфи сабаб, зарфи тарзи амал**.

**ЗАРФИШОН** زرفشان *ниг.* **зарафшон**.

**ЗАРФИЯТ** ظرفيت қобилияти дар худ ҷойдиҳӣ, гунҷоиш.

**ЗАРФОМ** زرفام ба ранги зар: **зулфи зарфом**.

**ЗАРФШӮ(Й)** ظرفشوى он ки амалаш шустушӯи зарфҳост, косашуй.

**ЗАРФШӮӢ** ظرفشويى шустушӯи зарфҳо: **зарфшӯӣ кардан**.

**ЗАРХАРИД** زرخريد *таър.* ба пул харидашуда, ғулом ё канизаки харидашуда; **ҳуҷраи зархарид** *таър.* ҳуҷраи кироя, ҳуҷраи мадрасаҳои Бухоро, ки одамони пулдор харида, ба талабагони беҳуҷра ба иҷора медоданд.

**ЗАРХЕЗ** زرخيز 1. замине, ки дорои кони тилло аст; коне, ки маъдани тилло дорад. 2. *мач.* замине, ки ҳосили зиёд медиҳад, замини серҳосил; **водии зархез** водие, ки

заминҳои он ҳосили бисёр медиҳанд.

**ЗАРХОК** زرخاک 1. хоки тиллодор. 2. замини серҳосил, зархез.

**ЗАРҲАЛ** زرحل хокаи тиллоранги дар об ҳалкарда, ки барои нақшу нигор ҳамчун ранг ба кор мебаранд, оби тилло.

**ЗАРҲАЛӢ** زرحلی *ниг.* **зарҳалкорӣ** 2.

**ЗАРҲАЛКОРӢ** زرحلکاری 1. бо зарҳал зеб ва оро додани чизҳо. 2. бо зарҳал ороишдода.

**ЗАРҲАЛПЕЧ** زرحلپیچ ба коғази тиллоранг печондашуда.

**ЗАРЧӮБА** زرچوبه *ниг.* **зардчӯба**.

**ЗАРҶӮ** زرجو ҷӯяндаи зар.

**КАБОБ** کباب гӯшти бирён кардашуда (*ба сих гузаронида дар оташ ё дар дег дар равгани доғ*), гӯштбирён; **кабоби дегӣ** гӯштбирёни дар дег пухта; **кабоби токӣ** гӯшти қимаи ба баргҳои ҷавони ток печондашуда, ки алоҳида ё дар оши палав мепазанд; **кабоби танӯрӣ** гӯште, ки дар танӯр мепазанд; **кабоб кардан** а) гӯштбирён кардан; б) *маҷ.* сӯзондан, ба дарду алам мубтало намудан, сахт азоб додан; ◊ **кабоб будани дил** сӯхтан, ғам хӯрдан, азоб кашидан; **кабоб шудан (гаштан)** сӯхтан, азоб кашидан (*аз ишқ, аз аламу ғам)*; **на сих сӯзад на кабоб** *(зарб.*) на ин зарар бинад, на он.

**КАБОБҒЕЛАК** کباب‌غلک хӯрокест аз гӯшти

кӯфтаи лӯлашакл, ки дар равған мепазанд, лӯлакабоб.

**КАБОБӢ** کبابی 1. *марбут ва мансуб ба* **кабоб**. 2. он ки кабоб мепазад, кабобпаз. 3. ҷой ва маҳалле, ки дар он ҷо кабоб мепазанд ва мефурӯшанд.

**КАБОБПАЗ** کباب‌پز он ки касбаш пухтану фурӯхтани кабоб аст, кабобӣ.

**КАБОБПАЗӢ** کباب‌پزی 1. амали кабобпаз; ҷараёни пухтани кабоб. 2. ҷое, ки кабоб пухта мешавад; кабобпазхона.

**КАБ(Б)ОДА** کباده *кит.* камони машқу тамрин, камоне, ки онро аз чанд ҷой шикоф мекарданд, то нарм ва барои тирандозӣ муносиб шавад.

**КАБУД** کبود 1. ранге, ки ба ранги растании нил монанд аст, нилгун. 2. сабз, ранги сабз (*ба ин маънӣ ғалати ом аст*); **пиёзи кабуд** пиёзи сабз; **чойи кабуд** чойи сабз; **кабуд шудан** а) сабз шудан, сабзидани растаниҳо; б) нилгун шудани ҷои зарбхӯрбаи бадан; **каб-кабуд** кабуди кабуд, ниҳоят кабуд.

**КАБУДА** کبوده номи умумии дарахтоне аз хонаводаи бед, ки пӯсти кабуд ё сафед доранд, баргҳои думборику дароз дошта, дар саноати чӯбкорӣ чӯби онҳо истифода мешавад.

**КАБУДАР** کبودر *зоол.* кирми хурди обӣ, ки моҳӣ онро мехӯрад.

**КАБУДБАР** کبودبر 1. меваи хом. 2. *маҷ.* одами камтаҷриба, одами хом.

**КАБУДБОЛ** کبودبال парандае, ки болаш кабуд аст, кабудқанот.

**КАБУДГАР** کبودگر рангрезе, ки матоъҳо- ро ранги нилобӣ медиҳад.

**КАБУДИЗОР** کبودی‌زار сабзазор.

**КАБУДИКОРӢ** کبودی‌کاری коштан ва парваронидани сабзавот (*аз қабили* пиёзбарг кашнич *ва м. ин.*).

**КАБУДИФУРӮШ** کبودی‌فروش он ки ба фурӯхтани кабудӣ (*пиёз, кашнич ва г.*) машғул аст.

**КАБУДИФУРӮШӢ** کبودی‌فروشی амал ва шуғли кабудифурӯш.

**КАБУДӢ** کبودی 1. ранги кабуд ё сабз дошта; нилгунӣ. 2. сабза, алафи навруста; сабзавот (*аз қабили* пиёзбарг, кашнич *ва г.*).

**КАБУДПӮШ** کبودپوش 1. шахси либоси кабуд пӯшида. 2. шахси либоси мотамӣ дарбаркарда; азодор.

**КАБУДПӮШӢ** کبودپوشی пӯшидани либосҳои кабудранг (одиёна) дар азодорӣ.

**КАБУДРАНГ** کبودرنگ осмониранг, нилгун.

**КАБУДТОБ** کبودتاب ба кабудӣ моил, нилобиранг.

**КАБУДЧА** کبودچه *ниг.* **кабудтоб**.

**КАБУДЧАНБАР** کبودچنبر чанбари кабуд, *киноя аз* осмон.

**КАБУДЧАРАНГ** کبودچه‌رنگ *ниг.* **кабудранг**.

**КАБУДЧАТОБ** کبودچه‌تاب *ниг.* **кабудтоб**.

**КАБУДЧАШМ** کبودچشم он ки чашмони кабудранг ё моил ба сабз дорад, дорои чашмони кабуд.

**КАБУДҶОМА** کبودجامه *ниг.* **кабудпӯш**.

**КАБӮТАР** کبوتر парандаи зебои гуногунхел, ки ба одам зуд ром мешавад, кафтар; **кабӯтари ёбоӣ** кафтари ромнашуда; **кабӯтари номабар** кафтари дастомӯзе, ки мактуби ба пояш бастаро ба ҷое, ки лозим аст, мерасонад; **кабӯтари парпо** як ҷинси кафтар, ки дар поҳояш пар дорад; **кабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз** *(зарб.)* ҳар кас бо ҳамҷинси худ унс ва улфат мегирад.

**КАБӮТАРБОЗ** کبوترباز *ниг.* **кафтарбоз**.

**КАБӮТАРБОЗӢ** کبوتربازی парвариши кафтар ва шуғли кабӯтарбоз.

**КАБӮТАРӢ** کبوتری 1. кабӯтар будан; *мансуб ба* **кабӯтар**. 2. *маҷ.* номарасон ва қосид будан.

**КАБӮТАРХОНА** کبوترخانه катаки махсуси кабӯтарҳо, ошёни кабӯтарон, кафтархона.

**КАВАЛ** کول *кит.* пӯстин аз пӯсти гӯсфанд.

**КАВАР** کور як навъ растании туршмаза ва худрӯст, ки меваи қобили хӯрдан аст.

**КАВАРАК** کورک *ниг.* **кавар**.

**КАВАРЗОР** كورزار ҷои бисёр рӯидани кавар.

**КАВДАН** كودن *кит.* 1. аспи ёбу (боркаш). 2. *маҷ.* одами кундфаҳм, ноқисулақл.

**КАВИР** كوير биёбон, замини беобу алаф; **замини кавир** замини беобу алаф, шӯразор.

**КАВКАБ** *а.* كوكب *кит.* ситора.

**КАВКАБА** *а.* كوكبه 1. гурӯҳи одамон, ҷамоат; дастаи мушояаткунандаи шоҳону бузургон, аҳли рикоб. 2. *маҷ.* ҳашамат, шукӯҳу шавкат, дабдаба.

**КАВКАБАДОР** كوكبه‌دار *кит.* боҳашамат, мӯҳташам.

**КАВКАБШИНОС** كوكب‌شناس ситорашинос, мунаҷҷим.

**КАВКАЗӢ** كوكزى 1. *мансуб ба* **Кавказ**; аҳли Кавказ, қафқозӣ. 2. *таър.* номи яке аз дастаҳои аскарӣ дар аморати Бухоро, ки либосашон монанди либосҳои мардуми Кавказ дӯхта шуда буд.

**КАВН** *а.* كون 1. ҳастӣ. 2. дунё, олам; **кавну макон** олами мавҷудот, ҳастӣ; ҷаҳон.

**КАВНАЙН** *а.* كونين 1. *кит., шакли дугонаи* **кавн**. 2. *д.* ду ҷаҳон, ду олам, ду дунё; ин дунё ва он дунё (охират).

**КАВОКИБ** *а.* كواكب *ҷ.* **кавкаб**.

**КАВОРА I** كواره растании сафедпӯсти суступояи камбарг, ки бӯи баде дорад ва дар регзорҳо мерӯяд.

**КАВОРА II** كواره 1. як навъ сабади дудаста барои меваю сабзавот, каҷова. 2. лонаи занбӯр, қуттиҳои махсус барои парвариши занбӯри асал, канду.

**КАВОРАҶО** كوارجا хонаи махсуси гарм, ки дар фасли зимистон дар он кавора (*кандуи занбӯри асал*) нигоҳдорӣ мешавад.

**КАВСАН** كوسن *ниг.* **кафсан**.

**КАВСАР** *а.* كوثر 1. фаровон, анбӯҳ дар биҳишт; **ҳавзи кавсар** номи чашмаи биҳишт. 2. номи сураи 108-уми Қуръон.

**КАВСАРӢ** كوثرى *кит.* 1. *мансуб ба* **кавсар**. 2. гуворо, хуш.

**КАВША** كوشه тарзи хӯрокҳазмкунии гурӯҳе аз ҳайвонот; хӯрокро гашта ба даҳон оварда хоидани чорво; нишхӯр; нӯшхор: **кавша кардан**.

**КАД I** *а.* كد 1. *кит.* талош, ҷидду ҷаҳд, кӯшиш. 2. ранҷ кашидан дар коре.

**КАД II** كد 1. хона, манзил. 2. деҳ, деҳа, деҳкада (*ин калима ҳоло дар таркиби калимаҳои* кадбону, кадхудо, *ё дар шакли* кат *дар номҳои ҷуғрофии* Панҷакат, Хушикат… *вомехӯрад*).

**КАД III** كد *англ. - ит.* **(CAD - Computer Aided Design)** маҷмӯаи барномаҳои компютерӣ, ки барои барномарезӣ ва тарроҳӣ дар риштаҳои мухталифи лоиҳакашиву муҳандисӣ истифода мешавад.

**КАД(Д)** *а.* كد *кит.* талош, саъю кӯшиш; кӯшиш кардан, талош варзидан.

**КАДА** كده 1. *ниг.* **кад** II . 2. *ҷузъи пасини бархе аз калимаҳои мураккаб ба маънои* ҷой, маҳал: **буткада, майкада, донишкада**.

**КАДАР I** كدر гиёҳи хушбӯи давоӣ, кодӣ.

**КАДАР II** كدر 1. тирагӣ, хирагӣ, кудурат. 2. ғам, андӯҳ, ғусса. 3. *маҷ.* нороҳат, парешон; дилгир.

**КАДБОНУ** كدبانو 1. соҳибхоназан, бонуи хона. 2. зане, ки маъмури пухтупаз аст, сардори занони ошпаз; пазанда, ошпаз.

**КАДБОНУӢ** كدبانوئى 1. хонадорӣ; анҷом додани корҳои хона. 2. *маҷ.* сарфакорӣ.

**КАДВОДА** كدواده бунёд, таҳкурсӣ; асос.

**КАДЕВАР** كديور *кит.* 1. соҳиби хона, кадхудой. 2. деҳқон; боғбон.

**КАДЕВАРӢ** كديورى амали кадевар, соҳибӣ, кадхудоӣ.

**КАДИР** *а.* كدير *кит.* 1. тира, хира. 2. дилгир, ғамангез; нороҳат, парешон.

**КАДОМ** كدام *ҷонишини саволӣ* чӣ?, кӣ?, чӣ гуна?, чӣ хел?; *барои пурсиш дар мавриди интихоби байни ду ё чанд чиз, шахс ё макон ба кор меравад.* **кадом вақт** а) кай?, чӣ вақт? б) боре, рӯзе; **кадом рӯзе, ки** ҳар рӯзе, ки; ҳар гоҳ, ки; **аз кадом**... шахс ё ҷои номуайянро ифода мекунад, аз кадом ҷое; **кадоме//ким-кадоме** ка-

се, яке, шахсе, кадом яке; **аз кадом тараф (сӯ)** аз чӣ тараф, аз куҷо; **ҳеҷ кадом** ҳеҷ як; **ба кадом сабаб** ба чӣ сабаб; барои чӣ; **бо кадом рӯй** чӣ хел карда, чӣ тавр шарм надошта; **ҳар кадоми мо** ҳар яки мо, ҳар кас аз мо.

**КАДОМИН** کدامین *ниг.* **кадом**; кадом як.

**КАДОМӢ** کدامی *ниг.* **кадом**; кадом як.

**КАДР** I کدر ҳайати коркунони ягон соҳа; коркуни ихтисосноки соҳае; **шӯъбаи кадрҳо** шӯъбае дар муассисаю корхонаҳо, ки ҳуҷҷатҳои шахсии коркунонро мураттаб ва нигаҳдорӣ мекунад.

**КАДР** II کدر расм ё акси ҷудогонае дар филм; саҳнае дар навори кинофилм.

**КАДУ** کدو 1. навъе аз растаниҳои палакии полизӣ, ки ҳосили он ошкаду ва палавкаду аз намудҳои маъмули хӯрдании он мебошанд. 2. зарф барои нигоҳ доштани об, шир ва дигар моеъҳо, ки аз чӯбкаду тайёр карда мешавад; **кадуи хушк** *киноя аз* каллаи бемағз.

**КАДУБИНӢ** کدوبینی он ки биниаш калони нӯгғафс аст, биникалон.

**КАДУБИЧАК** کدوبچک *ниг.*, *маҷ.* **кадусанбӯса**.

**КАДУБО** کدوبا *ниг.* **кадушӯрбо**.

**КАДУГИН** کدوگین бо каду тайёр кардашуда: **санбӯсаи кадугин**.

**КАДУГӢ** کدوگی *ниг.* **кадугин**.

**КАДУДОНА** کدودانه тухми каду; **кирми кадудона** *зоол.* навъи кирми дарози буғумбуғум дар рӯдаи инсон.

**КАДУӢ** کدوئی *мансуб ба* **каду**; шабеҳи каду.

**КАДУКОРӢ** کدوکاری киштани каду; **аз бекорӣ кадукорӣ** (*мақ.*) дар мавриде гуфта мешавад, ки кас аз бекорӣ ба як кори камаҳамият машғул мешавад.

**КАДУКӮЗА** کدوکوزه зарфи об аз кадуи калони дарунхолӣ, чӯбкаду.

**КАДУНИМА** کدونیمه *кит.* зарфи шароб.

**КАДУСАНБӮСА** کدوسنبوسه санбӯсаи бо каду пухташуда, санбӯсаи кадугӣ.

**КАДУСАР** کدوسر тоссар, кал.

**КАДУЧА** کدوچه 1. кадуи хурд. 2. чӯбкадуи хурди сарбурида, ки дар баъзе ҷойҳо ҳамчун паймона барои баркашидани равған ва чизҳои дигари обакӣ истифода мебурданд.

**КАДУЧАГӢ** کدوچگی аз чӯбкадуи хурд сохташуда.

**КАДУЧАДОР** کدوچه‌دار :*маҷ.* **гапи каду- чадор** сухани бо киноя ва пичинг гуфташуда, сухани тагдор.

**КАДУШАВЛА** کدوشوله шавлае ки дар он ба ҷои гӯшт каду меандозанд, шӯрбои кадугӣ.

**КАДУШӮРБО** کدوشوربا шӯрбои аз каду тайёршуда.

**КАДӮХ** کدوخ *кит.* ҳаммом, гармоба.

**КАДХУДО(Й)** کدخدا(ی) 1. *таър.* сардори деҳа, арбоб, калонтари деҳа, деҳхудо. 2. марди зандор, хонадор; **кадхудо шудан** зан гирифтан.

**КАДХУДОӢ** کدخدایی амали кадхудо, соҳибӣ, кадхудоӣ.

**КАЁН** کیان *ҷ.* **кай II;** унвони подшоҳони Эрони қадим (саромадашон Кайқубод), ки тибқи маълумоти «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ баъди Пешдодиён (*ба ақидае дар ҳудуди асрҳои IX-VIII то м.*) ҳукм рондаанд.

**КАЁНӢ** کیانی *мансуб ба* **Каён**.

**КАЖ** کژ *ниг.* **каҷ**.

**КАЖДУМ** کژدم ҷонвари нешзани заҳрдор, ақраб; ◊ **каждуми таги бӯрё** душмани хавфноки ба назар нонамоён; шахси фурсатҷӯ барои зараррасонӣ.

**КАЖДУМА** کژدمه *тиб.* варами ангушти даст; нохунхӯрак (*касалии нохун*).

**КАЖДУМАК** کژدمک 1. *шакли тасғири* **каждум**. 2. наъл, оҳанчае, ки ба пошнаи пойафзорҳо зада мешавад.

**КАЖДУМВОР** کژدموار мисли каждум; **мӯйлаби думи каждумвор** мӯйлаби тофтаи монанди думи каждум каҷ.

**КАЖДУМГАЗИДА** کژدمگزیده он ки ӯро каждум неш задаст.

**КАЖДУМЗАДА** کژدمزده *ниг.* **каждумгазида**.

**КАЖДУМӢ** کژدمی *мансуб ба* **каждум**; амали каждум; **каждумӣ кардан** *маҷ.* бадхӯӣ кардан.

**КАЖИН** کژین 1. ҷомае, ки аз абрешими хом ва пунба медӯхтанд; қазоганд. 2. либоси ҷангӣ.

**КАЖНИГАР** کژنگر *ниг.* **качбин**.

**КАЖТАРОЗУ** کژترازو *киноя аз* фиребгар, қаллоб.

**КАЗАР** کزر он ки зеҳнаш кунд аст, камақл.

**КАЗАРМА** *ит.* کزرمه *ниг.* **сарбозхона**.

**КАЗАРМАНИШИН** کزرمه‌نشین он ки дар казарма ҷой гирифтааст, бошандаи казарма.

**КАЗЗОБ** *а.* کذّاب дурӯғгӯи гузаро.

**КАЗИНО** *фр.* کزینا ҷои бозиҳои гуногуни пулакӣ, қиморхона.

**КАЗМ** *а.* کظم паст кардани хашму ғазаб, аз ғазаб фуромадан, фурӯ нишондани хашм.

**КАЗОӢ** کذائی 1. ғайриҳақиқӣ, сохта. 2. чизи нохушоянд ва номатлуб. 3. *маҷ.* арзанда, лоиқ, сазовор; **ақли казоӣ надоштан** чандон ақл надоштан, камақл.

**КАЙ** I کی *ҷонишини саволӣ* чӣ вақт, чӣ замон?, кадом вақт?; **то кай // то ба кай** то кадом вақт?, то чӣ муддат?; **ман кай медонам!?** ман чӣ донам!?

**КАЙ** II کی *таър.* шоҳаншоҳ, шоҳи бузург (*лақаби чанде аз подшоҳони Эрони қадим, ҳамчун Кайқубод, Кайхусрав…*).

**КАЙБОНУ** کیبانو кадбону, зани ҳамакора ва ҳушёру чаққон, ходимпеша, ошпаз.

**КАЙВОН** کیوان *ниг.* **зуҳал**.

**КАЙВОНӢ I** کیوانی *гуфт.* кайбону, кадбону, зане, ки дар тӯй ва дигар маросимҳои занонаи маҳаллаву гузар ё деҳа хизмат мекунад, ходим; пазанда, ошпаз; ◊ **кайвонӣ бисёр шуд, дегу табақ мурдор шуд** (*зарб.*).

**КАЙВОНӢ II** کیوانی 1. *мансуб ба* **кайвон**. 2. сиёҳтоб.

**КАЙВОНМИСОЛ** کیوان‌مثال *маҷ.* **баланд**: **кӯҳи кайвонмисол**.

**КАЙК** کیک *зоол.* ҳашароти шабушмонанди сурхранги ҷаҳанда, ки хуни баданро мемакад; **кайк афтодан (даромадан) ба пӯстини (куртаи)** *касе киноя аз* беқарору бесаранҷом шудани касе аз хавфи рӯйдоди воқеаи зарароваре.

**КАЙМОК** کیماک *кит., ниг.* **қаймоқ**.

**КАЙСАНА** کیسنه *кит.* ресмоне, ки ҳангоми риштани нах бар дуки бофандагӣ мепечонанд.

**КАЙФ** *а.* کیف лаззат, нашъа; сархушӣ; **кайфу сафо** лаззату роҳат; мастию табъҷоқӣ; айшу ишрат; **кайф бахшидан** нашъа бахшидан, лаззат додан; **кайф доштан** лаззатовар будан; қобилияти масткунандагӣ доштан; маст будан, сархуш будан; **кайф кардан** лаззат бурдан, завқ бурдан; сархуш, маст шудан; **кайф боло гирифтан** сахт маст шудан; ба авҷ расидани хурсандию димоғҷоқӣ; **кайф гурехтан; кайф паридан** халалдор шудани ҳолати табъҷоқию хурсандии касе; аз тарс ё ягон ҳодисаи ногаҳонӣ ҳушёр шудан аз мастӣ; **кайфи** *касеро* **паронданн** касеро аз мастӣ ҳушёр кардан; ба айши касе халал расондан; димоғи касеро сӯзондан; **кайфи** *касе* **ҷоқ шудан** *гуфт.* масту сархуш шудан, табъи касе ҷоқ шудан.

**КАЙФАН** *а.* کیفاً сифатан, аз ҷиҳати кайфӣ ва чигунагӣ.

**КАЙФАР** I کیفر *кит.* ҷазои кори бад, сазои кори нек, подоши амал, мукофоти амал (*хоҳ нек бошад, хоҳ бад*); сазо, ҷазо; **кайфар ситондан** интиқом (ниқор) гирифтан.

**КАЙФАР** II کیفر *кит.* зарфе, ки ба он ширу ҷурғот мерезанд; хурмача.

**КАЙФАРХОСТ** کیفرخواست *кит.* даъвонома.

**КАЙФАРШИНОС** کیفرشناس мутахассиси соҳаи таҳқиқи далелҳои судӣ.

**КАЙФАРШИНОСӢ** کیفرشناسی илм дар бораи таҳқиқи далелҳои судӣ.

**КАЙФИЯТ** *а.* کیفیت 1. чигунагӣ; ҳолат, вазъият, сифати чизҳо; **кайфият ва камият** *фалс.* сифат ва миқдор. 2. аҳволи рӯҳия. 3. завқмандӣ, лаззатбахшӣ, лаззат, нашъа; **кайфияти бадеӣ** завқи бадеӣ.

**КАЙФӢ** کیفی *гуфт.* хуморӣ, пурхумор; *муқоб.*

**камӣ**.

**КАЙФНОК** کيف‌ناک лаззатнок, лаззатбахш, ҳамроҳ бо кайф.

**КАЙФОВАР** کيف‌آور лаззатбахш, он чи барои инсон ва махлуқот лаззату кайф мебахшад.

**КАЙФЧОҚ** کيف‌چاق *гуфт.* табъчоқ, хурсанд; ширакайф, сархуш.

**КАЙФЧОҚӢ** کيف‌چاقی *гуфт.* кайфчоқ будан, табъчоқӣ, сархушӣ, мастӣ.

**КАЙҲА** کيهه *бот.* навъи растании мевадор, малина.

**КАЙҲАЗОР** کيهزار ҷои бисёр рӯидани кайҳа.

**КАЙҲО** کيها барвақт, дер боз; хеле вақт, хеле боз; **кайҳо боз** дер боз, хеле боз, муддатҳост, ки...

**КАЙҲОН** کيهان 1. ҷаҳон, олам, дунё. 2. коинот.

**КАЙҲОНӢ** کيهانی *мансуб ба* **кайҳон**.

**КАЙҲОННАВАРД** کيهان‌نورد мутахассисе, ки тайёрии тиббию биологӣ ва техникиро гузашта, ба кайҳон парвоз кардааст (космонавт).

**КАЙҲОННАВАРДӢ** کيهان‌نوردی 1. парвоз кардан дар фазои кайҳон бо дастгоҳи парвозкунандаи хос. 2. маҷмӯи соҳаҳои илму техникаи таҳқиққунандаи коинот ва ҳаводиси кайҳонӣ.

**КАЙҲОНШИНОСӢ** کيهان‌شناسی илм дар бораи шинохти олам, космология.

**КАКАО** *исп.* ککا 1. *бот.* дарахти ҳамешасабзи худруй, ки дар кишварҳои гармсер парвариш карда мешавад. 2. гарди (хокаи) баргу донаи дарахти какао, ки барои тайёр намудани шаколод ва қаҳва истифода бурда мешавад. 3. навъи нушокӣ.

**КАКАНА** ککنه *ниг.* **халилихӯрак**.

**КАКТУС** *ю.* ککتوس растании бисёрсолаи хордор, гули ханҷарӣ.

**КАЛ** کل 1. сари бемӯ; **сарам калу дилам нозук** (*мақ.*). 2. он ки мӯи сараш дар натиҷаи бемории рехтааст, качал; **кал агар табиб будӣ, сари худ даво намудӣ** (*зарб.*); **кали айёр (зирак)** қаҳрамони мусбати афсонаҳои халқӣ, ки тезҳуш, ҳилагар ва зирак аст; **кал кардан // калак кардан** шоху баргҳои дарахтро буридан; **кал додари кӯр** (*мақ.*) дар хислатҳои бад баробар будани ду нафар.

**КАЛАВАНДА** کلونده *сифати феълии замони ҳозира аз* **калавидан**; ба ҳар тараф майлкунанда, ноустувор; мутараддид.

**КАЛАВИДА** کلويده *сифати феълии замони гузашта аз* **калавидан**; **калавида-калавида** ба ду тараф майлкунон, алвонҷхӯрон.

**КАЛАВИДАН** کلويدن дар роҳ гаштан мувозинати худро нигоҳ дошта натавонистан, ба ҳар сӯ майл кардан; ноустувор будан; мутараддид будан; **калавида рафтан** мувозинати худро гум кардан.

**КАЛАВИШ** کلوش *исми феълӣ аз* **калавидан**; қатъӣ набудан дар ақидае, дудилагӣ, тардид.

**КАЛАК I** کلک *шакли тасғир ва навозишии* **кал;** ҳушёр, зирак; номуборак, шум.

**КАЛАК II** کلک *кит.* неши рагзан, нештар.

**КАЛАЛ** کلل ороиши аз пар сохташудаи кулоҳ ё афзори асп; туғи каллапӯш, ҷеға, паре, ки дар маҳфил ё ҷанг подшоҳон, ҷанговарон ё ҷавонон болои кулоҳ мечаспонданд.

**КАЛАНД** کلند олати чоркунҷа ё доирашак- ли дамтези оҳанини дастадор барои кандани замин ва анҷом додани корҳои дигари деҳқонӣ; **каланд задан** бо каланд кор кардан; гардонидани замин бо каланд; **каланд кардан** заминро рӯгардон ва нарм кардан; **каланди дуюм** бори дуюм нарм ва рӯйгардон кардани кишти ниҳоли пахта *ва г.*

**КАЛАНДА** کلنده чӯби майдае, ки як сари онро ба дӯли осиё баста, сари дигарашро ба болои санги осиё мегузоранд ва бо ҷунбиши он дона аз дӯл кам-кам ба сӯрохи санги осиё мерезад, ликлика, шогирдак.

**КАЛАНДГАРДОН** کلندگردان гардондани замин бо каланд; **каландгардон кардан** рӯйгардон кардани замин.

**КАЛАНДГАРДОНӢ** کلندگردانی *исми амал аз* **каланд гардондан**; рӯгардон кардани замин бо каланд.

**КАЛАНДДАСТА** کلنددسته дастаи каланд, чӯби

ирғай ё чӯби махсус тарошидашуда, ки каландро ба он мегузаронанд ва аз он дошта кор мекунанд.

**КАЛАНДЗАН** کلندزن он, ки бо каланд кор мекунад; **каландзан шудан** бо каланд кор кардан, бо кори одии деҳқонӣ машғул шудан.

**КАЛАНДЗАНӢ** کلندزنی каланд задан, кор кардан бо каланд.

**КАЛАНДКАШ** کلندکش **:каландкаш кардан** рӯйгардон кардани замин бо каланд.

**КАЛАНДКОРӢ** کلندکاری *ниг.* **каландзанӣ**.

**КАЛАНДКУНӢ** کلندکنی *исми амал аз* **каланд кардан**.

**КАЛАНДРАВ** کلندرو **:ғӯза каландрав, ҷуворӣ уштурдав** *(зарб.)* чигитро тавре бояд кишт, ки дар байни беҳҳои вай каланд ба осонӣ гунҷад, аз мобайни ҷуворипояҳо бошад, шутур гузашта тавонад.

**КАЛАНДРИШ** کلندریش он ки риши паҳни калон дорад.

**КАЛАНДЧА** کلندچه каланди хурд.

**КАЛАФ** *а.* کلف доғҳои сиёҳи сурхчатоб дар рӯи одам, доғи кунҷидак; доғ.

**КАЛБ** کلب *кит., ниг.* **саг**.

**КАЛБОҒ** کلباغ боғе, ки дарахти мевадораш кам бошад ё набошад.

**КАЛБУЗ** کلبز бузи кал, бузи бешох.

**КАЛГОВ** کلگاو гови бешох, гови кал.

**КАЛЗОҒ** کلزاغ навъе аз зоғ, ки рангаш сиёҳи хокистартоб мешавад.

**КАЛИД** کلید 1. олате, ки бо он қулфро мекушоянд ва мебанданд, мифтоҳ; **калиди барқ** олати бастан ва кушодани ҷараёни барқ, васлак. 2. *маҷ.* воситаи кушоиши мушкиле; **қуфлу калид кардан** а) бо қулф бастан дари чизеро; б) *д., маҷ.* ба воситаи дуоюю ҷоду бастан (*бахти касеро*).

**КАЛИДДОН** کلیددان навъи қуфли махсуси дандонадори чӯбин барои бастану кушодани дар, лӯкидон, ғалақа.

**КАЛИДДОР** کلیددار *таър.* шахси мансабдори дарбор, ки нигоҳдорандаи калидҳо буд.

**КАЛИЛ** *а.* کلیل 1. кунд, нотез (*мас., шамшер*). 2. он ки забонаш мегирад, забонгир; гунг.

**КАЛИМ** *а.* کلیم сухангӯ, гӯянда, ҳамсӯҳбат.

**КАЛИМА** *а.* کلمه воҳиди нутқ, ки як мафҳумро ифода мекунад, вожа; сухан, лафз; дар дастури (грамматикаи) забон воҳиди мустақили забон, ки аз як ё якчанд таквожа (морфема) сохта мешавад ва дар занҷири гуфтор нақши маъноӣ ва дастурӣ дорад: **калимаи мураккаб, калимаи сода, калимаи сохта, калимаи тавҳид (тасдиқи ягонагии Худо), калимаи туфайлӣ, калимаи тақлиди овоз; калимаи гувоҳӣ** *таър.* таъбири махсус барои гувоҳӣ додан дар ҳузури қозии шариат; **калимаи шаҳодат** *д.* таъбири махсуси арабӣ, ки гуфтан ва иқрор доштан ба он шарти асоси мусулмонӣ аст; **калима гуфтан** *д.* ба забон овардани калимаи шаҳодат, ки зикри он барои мусулмон шудан шарт шуморида мешавад.

**КАЛИМАБОЗ** کلمه‌باز он ки бо кинояву маҷоз гап мезанад.

**КАЛИМАБОЗӢ** کلمه‌بازی бозӣ додани калимаҳо, суханпардозӣ кардан.

**КАЛИМАСОЗ** کلمه‌ساز *збш.* ҷузъе, ки ба калимае илова шуда, ба он маънои нав медиҳад: **пасванди калимасоз, унсури калимасоз**.

**КАЛИМАСОЗӢ** کلمه‌سازی *збш.* бо илова кардани ҷузъҳо ба пасу пеши калима сохтани калимаи нав.

**КАЛИМӢ** کلیمی *мансуб ба* **Калимуллоҳ** (*лақаби ҳазрати Мӯсо – пайғамбар*); пайрави дини Мӯсо – пайғамбар, яҳудӣ.

**КАЛИМОТ** کلمات *ҷ.* **калима**.

**КАЛИМУЛЛОҲ** *а.* کلیم‌الله 1. он ки бо Худо сухан гуфтааст. 2. лақаби Мӯсо (а).

**КАЛИСО** *ю.* کلیسا ибодатхонаи исавиён: **калисои Модархудои Париж**.

**КАЛИТАК** کلیتک *ниг.* **қаламча**.

**КАЛӢ** کلی кал будан, тоссарӣ.

**КАЛКА** *р.* کلکه 1. *збш.* калима ва ибораҳои аз

забони дигар ба забони модарӣ айнан тарҷумашуда (*аз қабили* **худтанқидкунӣ, яхшикан, роҳи оҳан,** *ки тарҷумаи таҳтуллафзии калимаҳою ибораи русии* «самокритика», «ледокол» ва «железная дорога» *мебошанд*), чартабардорӣ. 2. коғази тунуки шаффофи хушсифат, ки аз пушти он нақшу нигор дида мешавад ва ба воситаи он аз нақшаҳо нусха мебардоранд.

**КАЛ-КАЛ** کل کل *гуфт.* беҳудагӯӣ, ҳарзагӯӣ; пургӯӣ, сергапӣ; **кал-кал кардан** а) беҳудагӯӣ кардан; сергапӣ кардан; б) касеро миёнагир карда таънаю маломат ва сарзаниш кардани якчанд кас.

**КАЛКУЛЯТОР** *лот.* کلکولیتار 1. мутахассиси калкулятсия, нархгузор. 2. *тех.* абзори ҳисоб.

**КАЛКУЛЯТСИЯ** *лот.* کلکولیتسیه ҳисоб, аз рӯи ҳисобу китоб муайян кардани нархи мол; ҳисоб кардани миқдори маблағи харҷшуда барои моли истеҳсолшуда, хизматрасонӣ *ва г.*

**КАЛЛА** کلّه сари одам ва чорпоён, каллахонаи сар; **калла-калла** тӯб-тӯб ва паҳлӯи ҳам; **як калла кунҷора** як лӯнда кунҷораи ҷувоз; **калла доштан** ақл доштан, муҳокима ронда тавонистан; **калла ба калла задан** а) каллаи якеро ба каллаи дигаре задан; б) *маҷ.* бо касе даъвои баробарӣ кардан; бо касе сар ба сар шудан; **каллаи гӯсола** *зоол.* тортанаки рангаш ба зардӣ моили сараш ба каллаи гӯсола монанди безаҳр (*дар бораи ин ҳашара шугунҳои мардумӣ зиёд аст*); ◊ **аз каллаи азон (саҳар)** саҳари барвақт, хеле барвақт; **як каллаю (сару) ду гӯш** (*мақ.*) дар ҳаққи одами яккаю танҳо гуфта мешавад; **як каллаю сад хаёл** (*мақ.*) одам фикру андешаҳои зиёд дорад; **каллаи (сари) кафида зери тоқӣ** (*зарб.*) инсон то имкон аст, бояд сиррашро нигоҳ дорад; **аз ҳар калла як садо** (*зарб.*) агар одам зиёд бошад, гап ҳам зиёд мешавад; дар ҷое, ки якчанд кас аст, ҳамфикрӣ кам воқеъ мешавад;

**КАЛЛАБУР** کلّه‌بر *гуфт.* одамкуш.

**КАЛЛАВАРАМ** کلّه‌ورم *маҷ.* бефаҳм, бефа- росат.

**КАЛЛАВАРАМӢ** کلّه‌ورمی *маҷ.* бефаҳмӣ, бефаросатӣ.

**КАЛЛАДОР** کلّه‌دار *гуфт.* 1. боақлу идрок, пурдон. 2. чизҳои дона-дона, ки донаҳояш калон аст: **сабзии калладор, харбузаи калладор, шалғами калладор**.

**КАЛЛАЗАН** کلّه‌زن он ки дар ҷангҳои тан ба тан калла мезанад.

**КАЛЛАЗАНӢ** کلّه‌زنی каллаҷанг; низоъ, кашмакаш.

**КАЛЛАК** کلّک *бот.* 1. дарахти шохаҳояш бурида; **каллак кардан** бурида партофтани шохаҳои дарахт. 2. навъи гандум.

**КАЛЛАКАДУ** کلّه‌کدو *ниг.* **каллаварам**.

**КАЛЛАКАЛОН** کلّه‌کلان он ки каллааш аз эътидол калон аст, саркалон.

**КАЛЛАКАН** کلّه‌کن *кит.* он ки шахси ба қатл маҳкумшударо бо роҳи аз тан ҷудо кардани сар қатл мекард; **каллакан кардан** *гуфт.* нӯги ниҳолҳои наврустаро канда партофтан.

**КАЛЛАКАРАМ** کلّه‌کرم *ниг.* **карам II**.

**КАЛЛАКӮБАК** کلّه‌کوبک **:каллакӯбак кардан** *гуфт.* аз чанд тараф касеро бо калла задан.

**КАЛЛАҚАНД** کلّه‌قند қанди сафеди бо қолиби махрутишакл рехташуда.

**КАЛЛАҚАНДӢ** کلّه‌قندی *марбут ба* **каллақанд**, махруташакл ба монанди каллақанд.

**КАЛЛАМАНОРА** کلّه‌مناره *таър.* манорае, ки золимон ҳангоми қатли ом сарҳои аз тан ҷудокардаро болои ҳам чида месохтанд.

**КАЛЛАМЕХ** کلّه‌میخ мехи чӯбӣ ё оҳании саркулӯла барои бастани аспҳо.

**КАЛЛАМУШ** کلّه‌موش *зоол.* ҷинси муши калон аз оилаи мушмонандҳо.

**КАЛЛАМУШГИРАК** کلّه‌موشگیرک дом барои дастгир кардани калламушҳо, мушгираки калон.

**КАЛЛАПАЗ** کلّه‌پز он ки каллаву почаи гову гӯсфандро пухта мефурӯшад.

**КАЛЛАПАЗӢ** کلّه‌پزی 1. шуғл ва амали каллапаз. 2. ошхонае, ки дар он каллаву почаи гову гӯсфандро пухта мефурӯхтанд.

**КАЛЛАПО** کلّه‌پا 1. сарнагун, воруна, сар ба нишеб: **каллапо афтодан**. 2. сарнагун шудан, шикаст хӯрдан.

**КАЛЛАПОЧА** کلّه‌پاچه 1. калла ва почаи гов ё гӯсфанд. 2. хӯроке, ки аз калла ва поча бо шикамба тайёр карда мешавад; ◊ **каллапоча кардан** а) чизеро ба қисмҳо ҷудо карда партофтан; б) куштан, ҳалок кардан; **каллапоча шудан** саросема шудан.

**КАЛЛАПӮШ** کلّه‌پوش пӯшиши сар; тоқӣ, тӯппӣ; **каллапӯши зардӯзӣ** тӯппии бо риштаи заррин гулдӯзишуда; **каллапӯши кундал** тӯппии аз кундал дӯхташуда; **кал- лапӯши тос** тӯппии занонаи дӯхти махсуси доирашакл аз матои ҷилодори тос.

**КАЛЛАПӮШФУРӮШ** کلّه‌پوش‌فروش он ки тӯпиҳои гуногун мефурӯшад, тоқифурӯш.

**КАЛЛАПӮШФУРӮШӢ** کلّه‌پوش‌فروشی 1. амал ва кори каллапӯфурӯш. 2. ҷое, ки дар он тоқӣ ва тӯппиҳои гуногун фурӯхта мешавад.

**КАЛЛАХУШК** کلّه‌خشک *гуфт., маҷ.* бемағз, беақл.

**КАЛЛАҶАНГ** کلّه‌جنگ ҷанги калла ба калла.

**КАЛЛАҶУНБОН** کلّه‌جنبان 1. он ки бо сарҷунбонӣ ишора мекунад. 2. *маҷ.* калоншаванда ва обрӯманди деҳаву гузар. 3. *маҷ.* он ки аз рӯи хушомад ба гапи касон бо ишораи сар «бале-бале» мегӯяд; хушомадгӯй.

**КАЛЛАҶУНБОНӢ** کلّه‌جنبانی 1. сарҷунбонӣ. 2. *маҷ.* хушомадгӯёна бо ишораи сар тасдиқ кардани сухани касе.

**КАЛЛАШӮРБО** کلّه‌شوربا як навъи шӯрбо аз каллапоча ва шикамбаи гӯсфанду гов.

**КАЛМАСҶИД** کل‌مسجد масҷиди хурди назарногир.

**КАЛМУРҒ** کل‌مرغ мурғи мурдахӯр аз ҷинси каргас, ки сараш мӯй надорад.

**КАЛОБА** کلابه риштаи аз дук ба чарха печонда дастакарда; калоф, тӯбчаи ресмон; ◊ **ба чарху калобаи** *касе* **нигоҳ карда мондан** мӯҳтоҷ будан ба даромади ночизи касе; **сари калобаи худро гум кардан** чӣ кор кардани худро надонистан (*аз пешомади ногаҳонӣ ё шодӣ*); **сари калобаи кори худро ёфтан** сарриштаи кори худро пайдо намудан; чӣ кор кардани худро донистан.

**КАЛОБАРЕС** کلابه‌ریس коргари ресандаи калоба.

**КАЛОБАРЕСӢ** کلابه‌ریسی *исми амал аз* **калоба ресидан**.

**КАЛОБАТУН** کلابتن риштаи хеле борик аз тилло ва нуқра барои зардӯзӣ.

**КАЛОБАТУНӢ** کلابتنی аз калобатун дӯхташуда.

**КАЛОВА** کلاوه *ниг.* **калоба**.

**КАЛОҒ** کلاغ *ниг.* парандае бо минқори нисбатан баланду қавӣ, поҳо ва болҳои нерӯманд, дурпарвоз ва бо пару боли сиёҳ.

**КАЛОЖА** I کلاژه *кит., ниг.* **акка**.

**КАЛОЖА** II کلاژه *кит.* каҷчашм, аҳвал, олус.

**КАЛОЛ I** کلال фарқи сар, тораки сар.

**КАЛОЛ II** *а.* کلال хастагӣ, мондагӣ, шалпарӣ.

**КАЛОЛАТ** کلالت 1. *ниг.* **калом** II. 2. норавшании нутқ.

**КАЛОМ** *а.* کلام 1. сухан, гап, гуфтор. 2. илме, ки дар он аз эътиқодҳои динӣ баҳс карда мешуд; **каломи маҷид, каломи шариф** *д.* Қуръон; **хулласи (хулосаи) калом** кӯтоҳи гап, мухтасари гап, қисса кӯтоҳ, алқисса.

**КАЛОМӢ** کلامی *кит.* 1. *мансуб ва марбут ба* **калом**. 2. доно, донишманди бахши калом.

**КАЛОМУЛЛОҲ** کلام‌الله сухани Худованд, Қуръон.

**КАЛОН** کلان 1. ҳаҷман ва миқдоран бузург, азим: **калони калон, ҷӯи калон ...; маблағи калон** пули зиёд; **роҳи калон** роҳи васеъ (-и одатан мошингард); **калон-калон қадам мондан** васеъ-васеъ қадам мондан; тез роҳ рафтан. 2. ба синни балоғат расида, ба воя расида; калонсол, солхӯрда: **одами калон, писари калон; калону хурд, хурду калон** бузургу майда, ҳама; ҳар хел, ҳар гуна: **калону хурд ҷамъ шуданд**. 3. *гуфт.* сардор, мансабдор (*ба ин маънӣ асосан дар шакли ҷамъ* калонҳо *ба кор бурда мешавад*). 4. аз рӯи вазифа, рутба ва унвон нисбат ба дигарон болотар: **лейте-**

**нанти калон, муаллими калон, муҳандиси калон, ходими калони илмӣ; вазифаи калон** амалу мансаби муҳим (масъул); **калон кардан** ба воя расонидан; тарбия кардан; **калон шудан** а) ба воя расидан; б) ба мансаб расидан, сардор шудан; **кори калон!** бисёр олӣ!, бисёр нағз!, айни муддао! (*дар мавриди таҳсин гуфта мешавад*); **калон кушодани чашм** дар тааҷҷуб афтодан, ҳайрон шуда мондан; **нафсро калон кардан** бисёр тамаъкор шудан.

**КАЛОНВОРОНА** کلانوارانه ба мисли калонҳо, калонҳо барин; бовиқор, босавлат.

**КАЛОНГАП** کلانگپ он ки гапро калон мезанад, лофзан, даҳанкалон.

**КАЛОНГАПӢ** کلانگپی лофзанӣ, даҳанкалонӣ; худситоӣ.

**КАЛОНГИР** کلانگیر он ки худашро калон метарошад, ҳавобаланд, мағрур.

**КАЛОНГИРӢ** کلانگیری мағрурӣ, ҳаво- баландӣ.

**КАЛОНГИРОНА** کلانگیرانه мағрурона, ҳавобаландона.

**КАЛОНЗОДА** کلانزاده фарзанди одами олимартаба; ашрофзода.

**КАЛОНИГАРӢ** کلانیگری мағрурӣ, худписндӣ, манманӣ; калонигарӣ кардан.

**КАЛОНӢ** کلانی 1. вазъ ва ҳолати калон, калон будан; калонсол будан, калонсолӣ. 2. сардорӣ, мансабдорӣ: **калонӣ кардан** а) ғуруру худнамоӣ кардан, худро калон гирифтан, савлату эътибори худро намоиш додан; б) васеъ ё дароз будан (-и либосе ба тани касе).

**КАЛОНКОР** کلانکار хурдсоле, ки чун калонсолон кор мекунад.

**КАЛОНПОЙ** کلانپای 1. он ки пояш калон аст. 2. *маҷ.* мансабдор; калонзода.

**КАЛОНСАР** کلانسر *ниг.* **каллакалон**.

**КАЛОНСОЛ** کلانسال ба сол бузург, солдида, бисёр умрдида (*нисбат ба касе*).

**КАЛОНСОЛӢ** کلانسالی калонсол будан, синни зиёд доштан.

**КАЛОНТАР** کلانتر 1. *дараҷаи қиёсии* **калон**. 2. *кит.* раиси маҳалла; сардор.

**КАЛОНТАРОШӢ** کلانتراشی *ниг.* **кало- нигарӣ**.

**КАЛОНХАРҶ** کلانخرج он ки исрофкорона хароҷот мекунад.

**КАЛОНҲАҶМ** کلانحجم он чи ки ҳаҷмаш калон бошад, бузургҳаҷм.

**КАЛОНҶУССА** کلانجثه тануманд, бузургҷусса, қавиҳайкал, дорои пайкари калон.

**КАЛОНҶУССАГӢ** کلانجثگی танумандӣ, бузургҷуссагӣ.

**КАЛОНШАВАНДА** کلانشونده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **калон шудан**. 2. шахси обрӯманд, мӯътабар; сардор, мансабдор.

**КАЛОНШАВӢ** کلانشوی (вақти) калон шудан, (айёми) ба воя расидан.

**КАЛОПЕСА** کلاپیسه без шудани (сафедии) чашм бо сабаби тарс ё ҳиссиёти дигар.

**КАЛОРИЯ** *лот.* کلاریه воҳиди миқдори гармӣ.

**КАЛОРИЯНОК** کلاریه‌ناک дорои миқдори зиёди калория, бокалория.

**КАЛОРИЯНОКӢ** کلاریه‌ناکی миқдори калорияҳо дар ягон моддаи ғизоӣ, ки мавҷудоти зинда аз истеъмоли он қувват мегирад, ғизонокӣ.

**КАЛОФ(А)** کلافه *кит., ниг.* **калоба**.

**КАЛОФКАШӢ** کلافکشی танобкашӣ, ҷои сохтмонро ба калоф кашида иҳота кардан.

**КАЛОФПЕЧ** کلافپیچ чун калова ба худ печида (*мас., мор*).

**КАЛОЧА** کلاچه **:гапу калоча** гапу хабари зиёдатӣ; *муқ.* **гапу гапча; гапу калоча кардан** овоза кардан; мавриди гуфтугузор қарор додан.

**КАЛПАТРА** کلپتره 1. беҳуда, бемаънӣ. 2. гапи беҳуда, ҳарза, сафсата, ёва. 3. бетартиб, бесару сомон.

**КАЛПЕСА** کلپیسه *ниг.* **калтакалос**.

**КАЛСИЙ** *лот.* کلسی филизи нарми нуқратоб (*унсури химиявӣ*); оҳак.

**КАЛТА** کلته кӯтоҳ, думкӯтоҳ, думбурида; **калта**

**кардан** кӯтоҳ кардан, буридан; мухтасар кардан.

**КАЛТАДУМ** کلته‌دم думкӯтоҳ, думбурида.

**КАЛТАЗАБОН** کلته‌زبان он ки забонаш мегирад, тутила.

**КАЛТАК** کلتک чӯбдаст, таёқ; **калтак хӯрдан** бо калтак зада шудан; шаллоқ хӯрдан; **алифро аз калтак фарқ карда натавонистан** (*зарб.*) тамоман бесавод будан; нодони маҳз будан.

**КАЛТАКАЛОС** کلته‌کلاس *зоол.* навъе аз ҷонвари хазандаи борику дарозтанаи думдор, калпеса, чалпоса; сусмори хурд.

**КАЛТАКБАДАСТ** کلتک‌بدست *ниг.* **калтакдор**.

**КАЛТАКБОЗӢ** کلتک‌بازی 1. як намуди рақси қадимии тоҷикӣ. 2. бозии бачагона.

**КАЛТАКДОР** کلتک‌دار он ки калтак ба даст дорад, таёқбадаст.

**КАЛТАКИРО** کلته‌کرا ба кироя додани чорпоёни саворӣ барои сафар ё боркашӣ ба масофаи кӯтоҳ; **калтакиро кардан** чорпои саворӣ ё боркашро муваққатан ба киро гирифтан.

**КАЛТАККОРӢ** کلتک‌کاری **:калтаккорӣ кардан** задан ва ҷазо додан бо калтаккалтаккӯб.

**КАЛТАККӮБ** کلتک‌کوب *ниг.* **калтаккорӣ**.

**КАЛТАКХӮРӢ** کلتک‌خوری *исми амал аз* **калтак хӯрдан;** зада шудан бо калтак, шаллоқхӯрӣ.

**КАЛТАКЧА** کلتکچه калтаки хурд.

**КАЛТАМИЛ** کلته‌میل милтиқи кӯтоҳмил.

**КАЛТАПО(Й)** کلته‌پا(ی) он ки пойҳои кӯтоҳ дорад.

**КАЛТАПОЯ** کلته‌پایه он чи пояҳои кӯтоҳ дорад; мизи калтапоя.

**КАЛТАПӮСТИН** کلته‌پوستین пӯстини кӯтоҳ.

**КАЛТАРИШ** کلته‌ریش он ки риши кӯтоҳ дорад.

**КАЛТАФАҲМ** کلته‌فهم он ки ақли расо надорад, кундфаҳм, кундзеҳн.

**КАЛТАЧА** کلته‌چه либоси болопӯши занона аз бахмал ва дигар порчаҳои зарбофт (*пешкушодаи дарозиаш то зону*).

**КАЛӮШ** *р.* کلوش пойафзори бепошнаи резинии занона ё мардона, ки одатан бо маҳсӣ, мӯза *ва г.* мепӯшанд.

**КАЛӮШКӮҲНА** کلوش‌کوهنه калӯши кӯҳнаи дарида; **калӯшкӯҳна барин яла шуда мондани даҳан** ҳайрон шуда чӣ гуфтанашро надонистани касе.

**КАЛХОТ** کلخات *зоол.* парандаи ваҳшии чанголдор аз оилаи лочин, чӯчабарак.

**КАМ** کم 1. андак; *муқоб.* **зиёд, бисёр**. 2. ба нудрат, гоҳо, баъзан, гоҳ-гоҳ; кам омадан, кам ёфт шудан; **камаш** на камтар аз…; ақаллан, ҳадди ақалл, ҳеҷ набошад; **кам-кам** а) андак-андак; як каме, камтар; **кам-кам хӯр, ҳар дам хӯр** (*зарб.*); б) баъзан, гоҳо; ба нудрат; в) рафта-рафта, ба тадриҷ, оҳиста-оҳиста; **кам дар кам** хеле кам, ниҳоят кам (*миқдоран*); **каму беш** а) як каме, як миқдор; б) то андозае, то ҳадде, қисман; **каму кост** камбудӣ, норасоӣ; **кам баромадан** ба вазн, меъёр ва шумораи аслӣ нарасидан; **кам будан** норасо будан; ба дараҷаи пурра набудан; **кам дида шудан** чандон ба назар намоён набудан, зиёд вонахӯрдан; **кам додан** пурра надодан (*мас. музди касеро*); **кам задан** а) фурӯтанӣ кардан, хоксорӣ кардан, худро ҳақир шумурдан; б) *ниг.* **кам шумурдан; кам кардан** костан; **кам мондан** андак боқӣ мондан, зиёд набудан; **кам шудан (гаштан)** костан, нуқсон пайдо кардан; **кам шумурдан** назарногирона нигоҳ кардан, ҳақир шумурдан касеро, ба дараҷаи даркорӣ баҳо ва эътибор надодан; **даҳ дақиқа кам дувоздаҳ** ба дувоздаҳ даҳ дақиқа намерасад (*оид ба* вақту соат); **ду кам ҳафтод** ба ҳафтод ду намерасад, яъне шасту ҳашт (*одатан дар бораи синну сол мегӯянд*); **кам гирифтан** (*касеро*) *ниг.* **кам шумурдан**; **кам монда буд, ки**…, қариб ки…, қариб буд, ки…; **магар кам буд, ки…** ин ҳама кофӣ набуд магар…

**КАМАБР** کم‌ابر осмони ҷо-ҷо абрдори бебориш.

**КАМАДАД** کم عدد камшумор, ночиз.

**КАМАКАК** کمکک камтар, каме, андаке.

**КАМАҚЛ** کم‌عقل кӯтоҳақл, бефаросат, нодон, аблаҳ.

**КАМАҚЛӢ** کم‌عقلی кӯтоҳақлӣ, кутоҳандешӣ, бефаросатӣ; нодонӣ, аблаҳӣ.

**КАМАНД** کمند 1. арғамчини дарози як нӯгаш ҳалқадавакдор барои гирифтани сайд. 2. *маҷ.* дом; **дар каманд овардан** ба дом афтондан; ба даст даровардан. 3. *киноя аз* зулфи маҳбуба.

**КАМАНДАФКАН** کمندافکن 1. он ки барои гирифтани сайд ё душман каманд меандозад. 2. *маҷ.* дилбар, маҳбуба.

**КАМАНДДИДА** کمنددیده 1. ба дом афтода. 2. *маҷ.* озмудшуда, таҷрибадор.

**КАМАНДЕША** کم‌اندیشه кӯтоҳфикр, хом.

**КАМАНДЕШАГӢ** کم‌اندیشگی кӯтоҳ- фикрӣ, хомӣ.

**КАМАР** کمر 1. миён. 2. миёни кӯҳ, тангнои кӯҳ. 3. нишебӣ, нишебии талу теппа, хамгашт. 4. ҳар чуқурие, ки дар миёни ягон чиз ба вуҷуд омадааст; **камари рӯд** (ҷӯи об) чуқурие, ки оби рӯд ё наҳр дар маҷрои худ кофтааст; **камар бастан** а) миёнбанд ба миён бастан; б) омода шудан ба иҷрои коре; азм кардан, қасди кореро кардан; **камари ҳиммат ба миён бастан** *киноя аз* сахт азму ирода кардан ба коре, дар коре эътимом намудан.

**КАМАРБАНД** کمربند тасмае, ки ба миён мебананд, миёнбанд, яккабанд; **камарбанди ҳиммат ба миён бастан** *ниг.* **камари ҳиммат ба миён бастан**.

**КАМАРБАСТА** کمربسته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **камар бастан**. 2. *маҷ.* омода, тайёр; азмкарда ба иҷрои коре.

**КАМАРБОРИК** کمرباریک миёнборик, нозукмиён (*сифати маҳбуба*).

**КАМАРВОР** کمروار 1. чун камар гирди (миёни) чизеро печонда гирифтан. 2. чун камари рӯд ё ҷӯи об; ғор барин.

**КАМАРГАҲ** کمرگه *ниг.* **камаргоҳ**.

**КАМАРГОҲ** کمرگاه 1. ҷое, ки камар баста мешавад, ҷои бастани миёнбанд. 2. камари кӯҳ, миёни кӯҳ. 3. нишебии талу теппа.

**КАМАРЗИШ** کم‌ارزش арзонбаҳо; *муқоб.* **гаронбаҳо**; камқадр, камаҳамият.

**КАМАРӢ** کمری *мансуб ба* **камар**; муносиби камар, ҷойгиранда дар гирди камар: **аслиҳаи камарӣ**.

**КАМАРЧА** کمرچه бандчаҳои кӯтоҳ дар ҷома ва куртаҳои қадима барои ба ҳам бастани ду тарафи (бари) ҷома, яктак *ва г.*

**КАМАРШИКАН** کمرشکن *маҷ.* кори сахти берун аз тавоноӣ; кор ё масъалаи бисёр душвор; миёншикан.

**КАМАҲАМИЯТ** کم‌اهمیت он чи аҳамият ва арзиши чандон надорад.

**КАМАҲОЛӢ** کم‌اهالی ҳудуди ҷуғрофии аҳолии кам; камодам.

**КАМБАҒАЛ** کمبغل нодор, бенаво, фақир, камбизоат; қашшоқ; *муқоб.* **давлатманд**; **камбағалро аз болои уштур саг мегазад**. (*зарб.*); **иттифоқи камбағалон** *таър.* ташкилоти сиёсии меҳнаткашони деҳот дар давраи ислоҳоти замин дар Осиёи Миёна (1918-1920).

**КАМБАҒАЛБАЧА** کمبغل‌بچه фарзанди одами камбағал ва қашшоқ.

**КАМБАҒАЛЗОДА** کمبغل‌زاده *ниг.* **камба- ғалбача**.

**КАМБАҒАЛӢ** کمبغلی бенавоӣ, нодорӣ, фақирӣ, эҳтиёҷмандӣ; эҳтиёҷ.

**КАМБАҒАЛНИШИН** کمبغل‌نشین ҷое, ки камбағалон манзил ва иқомат доранд; **маҳаллаи камбағалнишин** қисми камбағалнишини шаҳр.

**КАМБАҒАЛОНА** کمبغلانه фақирона, монанди бенавоёну қашшоқон, камбағалона зиндагӣ кардан.

**КАМБАҒАЛПАРВАР** کمبغل‌پرور дастгир, хайрхоҳ ва ҳомии камбағалон.

**КАМБАҒАЛШАВӢ** کمبغل‌شوی бечора шудан, бенавою фақир гаштан.

**КАМБАР** کمبر он чи бараш зиёд нест, паҳноияш кам аст; танг, борик; *муқоб.* **сербар**; **роҳи оҳани камбар** роҳи оҳане, ки фосилаи байни релсҳояш тангтар аз маъмулист.

**КАМБАХТ** کم‌بخت бетолеъ, он ки кораш кам омад мекунад.

**КАМБАҲО** کم‌بها *ниг.* **камарзиш**.

**КАМБИЗОАТ** کم‌بضاعت он ки молу асбобе ба қадри кифоя надорад, камбағал.

**КАМБИЗОАТӢ** كم‌بضاعتی камбизоат будан, камбағалӣ.

**КАМБИН** كم‌بين дорои биноии суст, он ки биниши заиф дорад, сустбин.

**КАМБИНӢ** كم‌بينی сусту заиф будани биноӣ, сустбинӣ.

**КАМБОВАР** كم‌باور он ки бовариаш ба одамон кам аст.

**КАМБОД** كم‌باد ҷое ё чизе, ки боди кам дорад, камшамол.

**КАМБОР** كمبار 1. дорои бори андак. 2. дорои ҳосили андак: **дарахти камбор**.

**КАМБОРИШ** كم‌بارش аз маъмул кам боридани барфу борон, кам будани миқдори боришҳо: **соли камбориш**.

**КАМБОРОН** كم‌باران соле, фасле ё моҳе, ки дар он борон кам меборад.

**КАМБОРОНӢ** كم‌بارانی *мансуб ба* **камборон**.

**КАМБУД** كم‌بود 1. нуқс, нуқсон. 2. *ниг.* **камомад**, **камӣ**.

**КАМБУДӢ** كم‌بودی нуқсон, норасоӣ.

**КАМБУРД** كمبرد дорои бурди кам, дорои масофаи кам, абзор ё таҷҳизоти техникие, ки тӯли парвозаш кам аст.

**КАМБӮЙ** كمبوی он чи ки бӯяш кам аст.

**КАМВАЗН** كم‌وزن ҷисме, ки вазни он сабук аст.

**КАМВАЗНӢ** كم‌وزنی *мансуб ба* **камвазн**; сабукӣ.

**КАМГАП** كم‌گپ он ки кам гап мезанад, камсухан, камгӯй; *муқоб.* **сергап**, **пургӯй**.

**КАМГАПӢ** كم‌گپی *мансуб ба* **камгап**.

**КАМГУНҶОИШ** كم‌گنجايش камҳаҷм, гунҷоишаш кам (*мас., зарф*).

**КАМГӮЙ** كم‌گوی *ниг.* **камгап**.

**КАМГӮШТ** كم‌گوشت он ки чандон фарбеҳ нест, газгӯшт; лоғар.

**КАМГӮШТӢ** كم‌گوشتی лоғарӣ, газгӯштӣ.

**КАМҒАЙРАТ** كم‌غيرت 1. он ки кӯшиши бисёр намекунад. 2. суст нашъунамо кардан (*нисбати растаниҳо*).

**КАМҒАЙРАТӢ** كم‌غيرتی камкӯшишӣ, сустӣ, камҳавсалагӣ.

**КАМҒИЗО** كم‌غذا 1. камхӯрок. 2. он чизе ё хӯрокие, ки моводи ғизоияш кам аст.

**КАМДАРАХТ** كم‌درخت ҷое, ки дарахти зиёд надорад.

**КАМДАРОМАД** كم‌درامد кор ё чизе, ки даромад ва фоидааш кам аст, даромадаш андак.

**КАМДАСТМОЯ** كم‌دستمايه он ки сармояи чандоне надорад.

**КАМДАХЛ** كم‌دخل *ниг.* **камдаромад**.

**КАМДИДОР** كم‌ديدار *ниг.* **камнамо**.

**КАМДИДАКОР** كم‌ديدكار корноозмуда, нопухтакор, камтаҷриба.

**КАМДИЛ** كم‌دل *маҷ.* камҷуръат, тарсу.

**КАМДОН** كم‌دان 1. *ниг.* **камдониш**. 2. он ки аз воқеаву рӯйдодҳо кам хабардор аст.

**КАМДОНИШ** كم‌دانش он ки дониши хуб надорад, камдон.

**КАМДОНИШӢ** كم‌دانشی надоштани дониши хуб, камдонӣ.

**КАМДОНӢ** كم‌دانی *мансуб ба* **камдон**.

**КАМДОШТ** كم‌داشت доштнокиаш начан- дон зиёд (*пӯшок*), пастсифат, сифаташ бад (*матоъ*).

**КАМЕ** كمی андаке, як қадре; камтар.

**КАМЕРА** *олм.* كمره 1. хоначаи хурди махсус барои коре, ҳуҷра. 2. қисми дарунии дастгоҳи суратгирӣ, ки ба он пластинка ё плёнка мегузоранд; **камераи киногирӣ** дастгоҳи хоси навор гирифтани филмҳо, дастгоҳи филмбардорӣ. 3. резини чархи мошин, велосипед ё тӯби футбол, ки ба он ҳаво пур карда мешавад.

**КАМЕРАВӢ** كمروی **:мусиқии камеравӣ** асари мусиқӣ (*аз қабили* дуэт, трио, соната, романс) барои дастаи хурди навозандагону ҳофизон; **оркестри камеравӣ** дастаи начандон зиёди навозандагон ва ҳофизон, ки дар он иҷрои ҳар қисм ба яке аз онҳо супорида мешавад.

**КАМЕРТОН** *олм.* کمرتان *мус.* асбоби филизии душохашакле, ки ҳангоми ҷӯр кардани созҳои мусиқӣ меъёри баландии садоро муайян мекунад.

**КАМЁБ** کمیاب *ниг.* **камчин**.

**КАМЁБӢ** کمیابی *ниг.* **камчинӣ**.

**КАМЁФТ** کم‌یافت *ниг.* **камчин**.

**КАМЗАБОН** کم‌زبان 1. *ниг.* **хомӯш**. 2. мутеъ, фармонбардор.

**КАМЗАДА** کم‌زده *кит., мач.* аз дин баргашта, аз роҳи дин мунҳарифшуда, гумроҳ.

**КАМЗАМИН** کم‌زمین деҳқоне ё маконе, ки замини корами кам дорад.

**КАМЗАМИНӢ** کم‌زمینی *мансуб ба* **камзамин**.

**КАМЗАН** کم‌زن *кит.* 1. он ки дар қимор ҳамеша бой медиҳад, бебурд. 2. *мач.* **камбахт**.

**КАМЗАРФ** کم‌ظرف камзарфият, ҷои камро ишғолкунанда, камгунҷоиш, камгиро.

**КАМЗАРФИЯТ** کم‌ظرفیت камгунҷоиш, дорои гунҷоиши кам; *мач.* касе, ки қобилият ва тавоноии шунидан ва қабул кардани суханони дигаронро надорад.

**КАМЗАРФИЯТӢ** کم‌ظرفیتی камзарфият будан.

**КАМЗАРФӢ** کم‌ظرفی камзарфиятӣ, камгунҷоишӣ.

**КАМЗӮЛ** کم‌زول як навъи либоси (*бештар мардонаи*) рӯпӯши гиребондор ва ду бараш тугмабанд.

**КАМЗӮЛЧА** کم‌زولچه 1. камзӯли беостини кӯтоҳ (*бештар занона*). 2. *дӯз.* қисми аз сина болои пироҳани занон, ки алоҳида дӯхта мечаспонанд, куртача.

**КАМЗӮР** کم‌زور камқувват, заиф, нотавон.

**КАМИҚТИДОР** کم‌اقتدار камқувват, қудраташ кам; иқтидораш паст: **трансформатори камиқтидор**.

**КАМИҚТИДОРӢ** کم‌اقتداری камқувватӣ, камқудратӣ.

**КАМИЛМ** کم‌علم он ки ба қадри кофӣ дониш надорад, саводаш кам аст.

**КАМИЛТИФОТ** کم‌التفات он ки нисбат ба касе эътино ё муҳаббат надорад.

**КАМИЛТИФОТӢ** کم‌التفاتی камилтифот будан, бемеҳрӣ.

**КАМИН I** کمین *кит.* 1. кам, андак. 2. *ниг.* **камина**.

**КАМИН II** *а.* کمین пинҳонгоҳе, ки дар он ба қасди ҳуҷум ё дастгир кардани душман ё сайд паноҳ шуда мешинанд; **камин гирифтан** паноҳ шуда истодан дар интизори дастгир кардани чизе ё касе; шинак гирифтан.

**КАМИНА** کمینه шахси гӯянда дар мавриди изҳори хоксорӣ нисбат ба худ мегӯяд; банда, ин ҷониб; фурӯтан, хоксор; **каминаи камтарин** ниҳояти хоксорӣ нисбат ба худ.

**КАМИНГАҲ** کمین‌گه *ниг.* **камингоҳ**.

**КАМИНГОҲ** کمین‌گاه ҷое, ки камин гирифта менишинанд.

**КАМИНВАР** کمین‌ور он ки дар камин нишастааст, камингир.

**КАМИНӢ** کمینی *марбут ба* **камин**.

**КАМИСТЕЪДОД** کم‌استعداد он ки қобилияташ суст аст, маҳорати паст дорад, каммаҳорат, камзаковат.

**КАМИСТЕЪМОЛ** کم‌استعمال он чи чандон роиҷу мустаъмал нест, доираи истифодааш маҳдуд аст.

**КАМИЯТ** *а.* کمیت андозае, ки метавон онро кам ё зиёд кард; андоза; миқдор; шумора; теъдод; *муқ.* **кайфият**.

**КАМӢ** کمی 1. кам будани чизе; *муқоб.* **зиёдӣ**, **бисёрӣ**: **камии об**. 2. камбудӣ, нуқсон; **камӣ доштан** а) нуқсон доштан, норасоӣ доштан; б) эҳтиёҷ доштан; **камӣ кардан** нарасидан, кам будан, басанда ва кофӣ набудан; **камӣ кашидан** камбуд доштан, эҳтиёҷ доштан; **дар ғояти камӣ будан** ниҳоят кам будан, хеле нодир будан.

**КАМКОР** کم‌کار он ки кору машғулияташ кам аст; *муқоб.* **серкор**; он ки маҳсули кораш андак мебошад.

**КАМКОРӢ** کم‌کاری камкор будан, кам маҳсулӣ; *муқоб.* **серкорӣ**.

**КАМҚАДР** کم‌قدر қимати паст доштан, обрӯи кам доштан; камбаҳо.

**КАМҚУВВАТ** کم‌قوّت он чи зӯру тавоноиаш зиёд нест; *муқоб.* **пурқувват**.

**КАМҚУВВАТӢ** کم‌قوّتی камзӯрӣ, нотавонӣ, сустӣ.

**КАММАДАНИЯТ** کم‌مدنیت он ки савияи маданияташ баланд нест.

**КАММАЗМУН** کم‌مضمون он чи мазмуну мундариҷааш норасо аст ё амиқ нест: **асари каммазмун, ҳикояи каммазмун**.

**КАММАНФИАТ** کم‌منفعت камфоида, камнафъ.

**КАММАОШ** کم‌معاش *ниг.* **каммузд**.

**КАММАСРИФ** کم‌مصریف камсарф, камистеъмол.

**КАММАҲОРАТ** کم‌مهارت камҳунар, камистеъдод.

**КАММАҲСУЛ** کم‌محصول камҳосил, камфоида, камкор.

**КАММАЪРИФАТ** کم‌معرفت камдон, камсавод, камдониш.

**КАММЕВА** کم‌میوه мева ё ҳосилаш кам (*олу ва дарахт, фасли сол ва г.*).

**КАММЕҲР** کم‌مهر дилсард, дилхунук, он ки нисбат ба касе меҳри зиёд надорад.

**КАММИҚДОР** کم‌مقدار *ниг.* **камшумор**.

**КАММОЯ** کم‌مایه дорои сармояи андак, камбаҳо, камарзиш, фурӯмоя.

**КАММУЗД** کم‌مزد кори ҳаққи заҳматаш кам, каммаош.

**КАММӮЙ** کم‌موی он ки мӯи сараш чандон зиёд нест; *муқоб.* **сермӯй**.

**КАМНАЗИР** کم‌نظیر он ки шабеҳ ва монандаш кам дучор мешавад; бемисл.

**КАМНАМАК** کم‌نمک хӯроки намакаш кам, ширнамак.

**КАМНАМО** کم‌نما он ки ба ҷое кам меояд; он ки кам вомехӯрад: **камнамо будан (шудан)** дар ҷое кам зоҳир шудан, ба ҷое кам рафтуой доштан; бедарак шудан.

**КАМНАМОӢ** کم‌نمائی камнамо будан.

**КАМНАФЪ** کم‌نفع *ниг.* **камфоида**.

**КАМНУР** کم‌نور камрӯшанӣ; хира; қувваи биноияш суст (*оид ба* чашм).

**КАМОБ** کم‌آب ҷӯй ё рӯде, ки оби он зиёд нест; мавзее, ки дар он оби равон кам мебошад, маҳалле, ки аз об танқисӣ мекашад. 2. мевае, ки об (шира)-аш кам аст.

**КАМОБӢ** کم‌آبی камии об, кам будани об; нарасидани об.

**КАМОБШАВӢ** کم‌آبشوی кам шудани об, нарасидан, танқисии об.

**КАМОВОЗ** کم‌آواز он ки ё он чи овозаш пасту ношунаво аст.

**КАМОДАМ** کم‌آدم ҷое, ки нуфуси он кам аст, *муқоб.* **сернуфус**; ҷое, ки рафтуомади одамон кам аст.

**КАМОЗОР** کم‌آزار он ки ба дигарон озоре нарасонад, раҳмдил.

**КАМОЗОРӢ** کم‌آزاری камозор будан.

**КАМОЛ I** کمال 1. пуррагӣ, тамомият, мукаммал. 2. нашъунамо, рушд; тараққӣ; **аз камоли...** аз ниҳояти..., аз ғояти...; **бо камоли эҳтиром** бо эҳтироми тамом, бо ниҳояти эҳтиром; **камол ёфтан** ба воя расидан; мукаммал шудан, комил шудан; **ба камол расидан** ба воя расидан; соҳиби фазлу одоб шудан, комил шудан; **номаи камол** ҳуҷҷати расмӣ дар бораи хатми мактаби миёна, аттестат.

**КАМОЛ II** کمال *бот.* растании худрӯи кӯҳӣ, ки аз ширан пояи он дору тайёр мекунанд.

**КАМОЛНОМА** کمال‌نامه *ниг.* **нома(-и камол)**.

**КАМОЛОТ** کمالات *ҷ.* **камол I**.

**КАМОМАД** کم‌آمد миқдоре, ки аз баркаш ё миқдори аслии чиз кам омада бошад (*асосан пул*): **камомад кардан**.

**КАМОМАДА** کم‌آمده он чи дар вақти ҳисоб кам баромадааст.

**КАМОН** کمان 1. яроқи қадимаи тирандозӣ, ки

аз чӯби хамидаи ду нӯгаш бо зеҳ тарангбаста иборат мебошад; **камони абрӯ** хами абрӯ, тоқи абрӯ; **камони Рустам** қавси қузаҳ, тиру камон. 2. *нуҷ.* бурҷи Қавс.

**КАМОНА** کمانه 1. ҳар чизи ба камон монанд. 2. олати камонмонанди дуредгарон, харротон ва наддофон, ки дар касби худ кор мефармоянд.

**КАМОНАБРӮ** کماناُبرو он ки абрӯи хамидаи камоншакли зебо дорад (*сифати маҳбуба*).

**КАМОНАК** کمانک 1. камони хурд. 2. *киноя аз* қади хамида.

**КАМОНАНДОЗ** کمانانداز *ниг.* **камонвар**.

**КАМОНАНДОЗӢ** کماناندازی *ниг.* **камонварӣ**.

**КАМОНБИНӢ** کمانبینی он ки бинии калони кӯҳондор дорад.

**КАМОНВАР** کمانور тирандоз аз камон, камондор, камонандоз.

**КАМОНВАРӢ** کمانوری тирандозӣ аз камон, камонандозӣ, камонкашӣ.

**КАМОНВОР** کمانوار чун камон, ба монанди камон; хамидашакл, кач.

**КАМОНГАР** کمانگر *ниг.* **камонсоз**.

**КАМОНГАРӢ** کمانگری *ниг.* **камонсозӣ**.

**КАМОНГИР** کمانگیر 1. камондори бомаҳорат, тирандози моҳир. 2. лақаби Ораш ном паҳлавони Эрони қадим, ки мувофиқи афсона тири аз Омул партофтааш ба Марв расидааст.

**КАМОНГУРӮҲА** کمانگروهه *кит.* 1. камоне, ки бо он гулӯлаҳои гилӣ ва ё санг мепартофтаанд. 2. гулӯла ё мӯҳраҳои гилин, ки барои андохтан аз камонгурӯҳа истифода мегардид.

**КАМОНГӮША** کمانگوشه 1. гӯшаи камон. 2. гӯшаи камонмонанди чизе.

**КАМОНҒӮЛАК** کمانغولک 1. *кит.* камони калоне, ки дар ҷангҳои қадим бо он ба тарафи душман санг меандохтанд. 2. *гуфт.* **камонкашаки резиндори бачагона**.

**КАМОНДОР** کماندار он ки дар даст камон дорад, мусаллаҳ бо камон.

**КАМОНӢ** کمانی чун камон, камонвор; камоншакл.

**КАМОНКАШ** کمانکش *ниг.* **камонвар**.

**КАМОНКАШӢ** کمانکشی *ниг.* **камонварӣ**.

**КАМОНМӮҲРА** کمانمهره *ниг.* **камонгурӯҳа**.

**КАМОНПОЙ** کمانپای *ниг.* **качпой**.

**КАМОНСОЗ** کمانساز *кит.* он ки камон месозад, созандаи камон, устои созандаи камон.

**КАМОНСОЗӢ** کمانسازی амал ва кори камонсоз; ҷой ва маҳали камонсозӣ.

**КАМОНХОНА** کمانخانه *кит.* ҷои нигаҳдории камон, ғилофи камон, камонгӯша.

**КАМОНЧА** کمانچه 1. *шакли тасғири* **камон**; камони хурд. 2. олати камоншакл барои навохтани ғижжак, ки ба ду нӯгаш мӯйҳои думи асп таранг кашида шудааст. 3. *мус.* асбоби тории аз ғижжак хурдтар.

**КАМОНҶӮЛА** کمانجوله ҷое, ки дар он камон гузоранд, ғилофи камон.

**КАМОНШАКЛ** کمانشکل ба монанди камон, ба шакли камон; хамидашакл.

**КАМОС** کماس *кит.* кӯзаи гардандарози сафолини шикампаҳн.

**КАМОСА** کماسه *ниг.* **камос**.

**КАМПАЛ** کمپل матои мӯинаи махсус *ва г.*, ки ҳамчун ҷойпӯш, кӯрпа ё палос кор фармуда мешавад: **кампали мӯина, кампали ресмонӣ**.

**КАМПАХТА** کمپخته он чи пахтаи зиёд надорад: **кӯрпаи кампахта**.

**КАМПАШМ** کمپشم он чи пашми андаке дорад: **гӯсфанди кампашм**.

**КАМПИР** کمپیر пиразан, зани солхӯрда ва фартут: **чолу кампир** пирмарду пиразан.

**КАМПИРГУЛАК** کمپیرگلک *ниг.* **марвак**, **мармарак**.

**КАМПИРОНА** کمپیرانه монанди кампир, рафтор ва кору кирдори ба сони солхӯрдагон.

**КАМПУЛ** کمپول он ки ба қадри кифоя пул надорад, тангдаст, камбизоат.

**КАМПУЛӢ** کمپولی кампул будан, тангдастӣ,

нодорамӣ, камбизоатӣ.

**КАМРАВҒАН** کم‌روغن он чи равғанаш ба қадри кифоя набошад: **оши камравған**.

**КАМРАВУОЙ** کم‌رووآی ҷое, ки дар он рафтуомад зиёд нест: **роҳи пиёдагарди камравуой**.

**КАМРАҒБАТ** کم‌رغبت он ки майлу хоҳиши кам дорад, камшавқ.

**КАМРАҒБАТӢ** کم‌رغبتی майлу хоҳиши кам доштан, камшавқӣ.

**КАМРАНГ** کم‌رنگ он чӣ рангаш бенур аст, он чи рангаш баланд намебошад.

**КАМРИШ** کم‌ریش он ки риши кам дорад; *муқоб.* **серриш**.

**КАМСАБРӢ** کم‌صبری камтоқатӣ.

**КАМСАВОД** کم‌سواد он ки саводи казоӣ надорад, чаласавод.

**КАМСАВОДӢ** کم‌سوادی саводи казоӣ надоштан, чалласавод.

**КАМСАМАР** کم‌ثمر камҳосил, камфоида.

**КАМСИН(Н)** کم‌سن *ниг.* **камсол**.

**КАМСИН(Н)УСОЛ** کم‌سن‌وسال *ниг.* **камсол**.

**КАМСОЛ** کم‌سال камсин, хурдсол, дорои синну соли кам.

**КАМСОЛӢ** کم‌سالی хурдсол будан, камсиннӣ.

**КАМСОН** کم‌سان *кит.* навъи матоъ ва порчаи абрешимии сабзранг.

**КАМСУХАН** کم‌سخن *ниг.* **камгап**.

**КАМСУХАНӢ** کم‌سخنی *мансуб ба* **камсухан**.

**КАМТАЛАБ** کم‌طلب ба чизи андак қонеъ будан, талаби зиёд надоштан.

**КАМТАР** کمتر 1. *дараҷаи қиёсии* **кам**; каме, андаке: **дар ҳамин ҷо камтар шинем**. 2. ҳақир, назарногир; **душманат гар пашша бошад, камтар аз филаш мадон** (*зарб*).

**КАМТАРАДДУД** کم‌تردّد 1. *кит.* ҷое, ки дар он рафтуомад кам аст, ҷои камҳаракат (*мас.* *кӯча*). 2. он ки дар пайи чизе кам саъй мекунад, камташвиш.

**КАМТАРИН** کم‌ترین 1. *дараҷаи олии* **кам**; чизи бисёр кам нисбат ба чизҳои дигар, андактарин. 2. камқадр, камэътибор (*дар мавриди изҳори шикасти нафс шахси гӯянда дар ҳаққи худ мегӯянд*); *ниг.* **камина (-и камтарин)**.

**КАМТАҶРИБА** کم‌تجربه он ки таҷрибаи казоӣ надорад.

**КАМТАҶРИБАГӢ** کم‌تجربگی камтаҷриба будан, дар коре малакаи лозимма надоштани кас.

**КАМТАШВИШ** کم‌تشویش он чи ташвишу заҳматаш зиёд нест.

**КАМТАЪСИР** کم‌تأثیر он чи таъсири зиёд надорад.

**КАМУБЕШ** کم‌وبیش каме, андаке, камутум.

**КАМУКОСТ** کم‌وکاست костагиҳо.

**КАМУМР** کم‌عمر кӯтоҳумр, бебақо.

**КАМУТУМ** کم‌وتم *гуфт.* каму беш: **камутум бохабар будан**.

**КАМФАРЗАНД** کم‌فرزند он ки фарзанди кам дорад.

**КАМФАРОСАТ** کم‌فراست камфаҳм, камақл.

**КАМФАҲМ** کم‌فهم камақл, камшуур, бефаросат.

**КАМФОИДА** کم‌فائده он чи суди чандоне надорад.

**КАМХАРҶ** کم‌خرج 1. он чи хароҷот ва масс рафи зиёд наметалабад. 2. он ки сарфаҷӯёна кор мекунад; **камхарҷи болонишин** чизи арзони нағз.

**КАМХИРАД** کم‌خرد камақл; камтаҷриба, камдониш.

**КАМХИРАДӢ** کم‌خردی камхирад будан, камдонишӣ, камақлӣ.

**КАМХОБ** کم‌خواب он ки хобаш зиёд нест, он ки зиёд хоб намекунад.

**КАМХОБӢ** کم‌خوابی камхоб будан; бехобӣ; **камхобӣ кашидан** зиёд хобида натавонистан, аз хоб сер нашудан.

**КАМХОР** کم‌خوار *кит., ниг.* **камхӯр**.

**КАМХОРА** کم‌خواره *кит., ниг.* **камхӯрок**.

**КАМХОРАГӢ** کم‌خوارگی *ниг.* **камхӯрӣ**.

**КАМХУН** کم‌خون он ки хун дар баданаш аз миқдори муайян кам аст.

**КАМХУНӢ** کم‌خونی ҳолати беморӣ ба сабаби кам шудани миқдори хун дар бадан, ки дар натиҷаи нарасидани эритротсит ва гемоглобин дар хун ва бо таъсири бемориҳои дигар рӯй медиҳад.

**КАМХӮР** کم‌خور камхора, он ки ғизои кам мехӯрад, камхӯрок.

**КАМХӮРӢ** کم‌خوری камхӯрокӣ, хӯроки кам хӯрдан, бо хӯроки андак иктифо кардан.

**КАМХӮРОК** کم‌خوراک он ки бо андак хӯрок сер мешавад, камхӯр; *муқоб.* **пурхӯр**.

**КАМХӮРОКӢ** کم‌خوراکی камхӯрӣ, камхорагӣ.

**КАМҲАВОС** کم‌حواس фаромӯшкор.

**КАМҲАВОСӢ** کم‌حواسی камҳавос будан, фаромӯшкорӣ.

**КАМҲАВСАЛА** کم‌حوصله он ки ба кор майлу хоҳишаш кам аст; он ки зуд аз кор дилгир мешавад; камрағбат; бетоқат, беқарор, камтаҳаммул, бесабр.

**КАМҲАВСАЛАГӢ** کم‌حوصلگی камҳавсала будан; майлу хоҳиши кам доштан; бетоқатӣ, беқарорӣ, бесабрӣ, камрағбатӣ.

**КАМҲАРАКАТ** کم‌حرکت 1. он чи кам ҳаракат мекунад, сустҳаракат; *муқоб.* **серҳаракат**. 2. *маҷ.* кам кӯшиш кардан; камрағбат, камҳавсала.

**КАМҲАРАКАТӢ** کم‌حرکتی 1. кам ҳаракат кардан, сустҳаракатӣ. 2. *маҷ.* камҳавсалагӣ, камғайратӣ, камрағбатӣ.

**КАМҲАРОРАТ** کم‌حرارت дорои гармо ва дамои кам.

**КАМҲИММАТ** کم‌همّت ҳиммати кам нишон додан дар иҷрои коре, камирода.

**КАМҲИММАТӢ** کم‌همّتی камҳиммат будан; ба андозаи лозимӣ кӯшиш накардан.

**КАМҲИС(С)** کم‌حس ҳиссиёти кам доштан.

**КАМҲОСИЛ** کم‌حاصل он чи ҳосилаш зиёд нест: **замини камҳосил, зироати камҳосил**.

**КАМҲОСИЛӢ** کم‌حاصلی ҳосили кам (*оид ба замини зироат, мева*).

**КАМҲОФИЗА** کم‌حافظه он ки қувваи ҳофизааш суст аст ва ҳар матолибро дар хотир гирифта наметавонад ё зуд фаромӯш мекунад.

**КАМҲУНАР** کم‌هنر камистеъдод, дорои ҳунари кам.

**КАМЧИЗ** کم‌چیز *ниг.* **камбизоат**.

**КАМЧИН** کم‌چین ба осонӣ ёфтнашаванда.

**КАМЧИНӢ** کم‌چینی кам ёфт шудани чизе, фаровон ё дастрас набудани чизе, нодир будани чизе.

**КАМҶИЛО** کم‌جلا он чи сайқал ва пардозаш кам аст, камдурахш.

**КАМҶУРЪАТ** کم‌جرأت камҷасорат, тарсончак, тарсу.

**КАМШАВӢ** کم‌شوی кам шудани андоза, ҳаҷм ва шумораи чизе: камшавии об.

**КАМШИР** کم‌شیر шири кам дошта (*мас., гов*).

**КАМШИРА** کم‌شیره меваe, ки шираaш ба дараҷаи кофӣ нест.

**КАМШУМОР** کم‌شمار ададан кам, миқ- доран начандон зиёд, каммиқдор, камистеъмол, камистеъдод.

**КАМШУМОРӢ** کم‌شماری 1. кам будани миқдори чизе, ададан зиёд набудани чизе. 2. кам шумурдан, ба назари эътибор нагирифтан, ҳақир шуморидан касеро.

**КАМШУУР** کم‌شعور он ки шууру фаросаташ кофӣ нест, камақл, камидрок.

**КАМЪИЁР** کم‌عیار камарзиш, камбаҳо, бисёр кам (*оид ба филизоти қиматбаҳо*).

**КАМЭЪТИБОР** کم‌اعتبار 1. касе ё чизе, ки ба он эътибор ё аҳамияти кам медиҳанд. 2. он ки ба касе ё чизе кам таваҷҷӯҳ мекунад.

**КАМЭЪТИБОРӢ** کم‌اعتباری 1. камқадрӣ. 2. беаҳамиятӣ.

**КАМЭЪТИҚОД** کم‌اعتقاد 1. он ки эътиқод ё боварияш нисбати чизе ё касе андак аст. 2. он ки ба дину оин боварии кам дорад.

**КАМЭЪТИНО** کم‌اعتنا он ки ба чизе ё касе кам

тавачҷӯҳ мекунад; камаҳамият нисбат ба чизе ё касе.

**КАМЭЪТИНОӢ** کم‌اعتنائی андак таваҷҷӯҳ кардан; аҳамияти кам додан, ба касе ё чизе.

**кан** کن 1. *асоси замони ҳозира аз* масдари *феъли* **кандан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маъноҳои* кананда: **хоркан, чоҳкан, қабркан**, маҳал ва ҷои баровардани чизе: **рахткан, ҷомакан, кафшкан,** кандашуда: **решакан, сангкан**.

**КАНА** کنه *зоол.* ҳашарае, ки бо макидани хуни ҳайвонот, парандагон ва шираи растаниҳо зиндагонӣ мекунад, баъзе намуди он барои инсон ҳам хавфнок аст; **кана задан** пур шудани бадан (-и ҳайвон ё паранда) аз кана; **кана барин часпидан** *маҷ.* ба чизе сахт часпидан; бо коре сахт андармон шудан.

**КАНАБ** کنب 1. *бот.* гиёҳи бангдона, ки аз торҳои танаи он ресмон мебофанд ва коғаз месозанд. 2. таноби аз тори канаб бофташуда.

**КАНАБӢ** کنبی риштаи аз тори канаб бофташуда.

**КАНАДОНА** کنه‌دانه *бот.* растание, ки аз донаҳои он равғани гарчак (карчак) ҳосил мешавад, беданҷир, канакунҷид: **равғани канадона**.

**КАНАЗАДА** کنه‌زده *сифати феълии асоси замони гузашта аз* **кана задан**; *ниг.* **кана** (**каназада**).

**КАНАКУНҶИД** کنه‌کنجید *ниг.* **канадона**.

**КАНАЛ** *лот.* کنل 1. оброҳаи сунъӣ барои равон сохтани об бо мақсади обёрӣ, тавлиди нерӯи барқ, киштигардӣ *ва г.* 2. хати робита ва мухобира: **канали якуми телевизиони Душанбе**.

**КАНАЛИЗАТСИОНӢ** کنلیزتسیانی *мансуб ба* **канализатсия**: **қубурҳои канализатсионӣ**.

**КАНАЛИЗАТСИЯ** *лот.* کنلیزتسیه шабакаи лӯлаҳои зеризаминӣ ва таҷҳизоти дигар барои гузаронидани обҳои ифлоси маҳалҳои маскунӣ.

**КАНАЛКОБӢ** کنل‌کابی кандани замин барои канал сохта ҷорӣ кардани об.

**КАНАЛКОВ** کنل‌کاو он ки барои сохтани канал заминро меканад.

**КАНАМОНАНД** کنه‌مانند мисли кана, канавор, шабеҳи кана.

**КАНАХОНА** کنه‌خانه *таър.* яке аз зиндонҳои торику рутубатнок дар амората Бухоро.

**КАНАШТУ(К)** کنشتو(ک) *кит., бот.* гиёҳе, ки бо бехи он ҷомашӯӣ мекарданд, ушнон.

**КАНБУР(А)** کنبور(ه) *кит.* ҳила, макр, фиреб.

**КАНДА** کنده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **кандан; канда-канда** а) бурида-бурида, қатъ карда-қатъ карда; б) фосиладор: **овози канда-кандаи ӯ...; канда-канда гирифтан** ҷудо карда гирифтан; **канда партофтан** чизеро аз бех баровардан, кашида партофтан; **канда шудан** а) кофта шудан (-и чоҳ, ҷӯй); б) қатъ шудан, бурида шудан, канда шудани риштаи дӯстӣ. 2. чуқурии дастӣ кофташуда, хандақ; **канда набудани даст аз кор** ҳама вақт машғули кор будан; **кӯки чашми** *касе* **канда шудан** бисёр интизор шудан, сахт интизорӣ кашидан; **пои мардум канда шуд** рафтуои мардум кам ё қатъ шуд.

**КАНДАГӢ** کندگی *шакли дигари сифати феълии замони гузашта аз* **кандан**; ◊ **кандагию гирифтагӣ** *гуфт.* тамоман монанд (будан) ба касе ё чизе.

**КАНДАК** کندک *ниг.* **канда** 2.

**КАНДАКОР** کندکار наққоше, ки чӯб, санг, оҳан ва дигар чизҳои сахтро канда ё кофта дар онҳо нақш мебарорад, ҳаккок.

**КАНДАКОРӢ** کندکاری наққошӣ дар чӯбу санг, гаҷу устухон *ва г.,* ҳаккокӣ; **дари кандакорӣ** даре, ки дар он нақшу нигорҳо канда шудааст.

**КАНДАН** کندن 1. кофтан, ҳафр кардан, кофта чуқур ё ковок кардан; кофта гирифтан (*мас. заминро*); **чоҳ кандан** а) заминро кофта чуқур кардан барои баровардани об; б) *киноя аз* қасди бад кардан. 2. ҷудо кардан; чида гирифтан (*мас., ҳосили дарахтеро*): **гул кандан, харбуза кандан, ангур кандан, себ кандан**. 3. чизи дӯхташударо аз чокаш ҷудо кардан. 4. гусехтан, пора кардан: **гов арғамчинро канд**. 5. кофта ё тарошида нақш баровардан дар рӯи санг, оҳан, чӯб *ва г.,* ҳак кардан. 6. харо-

шидан, ханҷол кардан; **ангишт кандан** кофта баровардани ангиштсанг аз кон, истихроҷи ангиштсанг; **дандон кандан** аз вора берун овардани дандон, дандон кашидан; **пӯст кандан** а) ҷудо кардани пӯсти бадани гову гӯсфанди кушташуда; б) бо корд ё чизи дигари дамтез гирифта партофтани пардаи беруниии чизе, пок кардани пӯчоқи чизе (*мас., пиёзу картошка, себу шафтолу ва г.*); **алоқаро кандан** қатъи робита кардан, алоқаро буридан аз касе; **дил кандан** *ниг.* **дил**; **ранги** *касе* **кандан** якбора тағйир ёфтани ранги рӯи касе, ранги рӯи касе паридан; **умедро кандан** ноумед шудан, қатъи таваққӯъ кардан; **ҷон кандан** а) дар талвосаи пеш аз марг будан, дар ҳолати назъ будан; б) *маҷ.* аз ҳад зиёд меҳнат кардан, зиёд кӯшиш кардан (*барои анҷоми коре*); **аз бун кандан** *чизеро* тамоман несту нобуд кардан, решакан намудан; **кӯҳ бо нохун кандан** кори басо душвореро ба ҷо овардан; **чоҳ (чаҳ) ба сари роҳи** *касе* **кандан** дар сари роҳи касе офату хатаре ба вуҷуд овардан; қасди бад кардан; **ҳуш кандан** дар мавриди сахт ба ҳайрат афтодан, чӣ кор кардани худро надониста мондан гуфта мешавад.

**КАНДАНӢ** کندنی *сифати феълии замони оянда аз* **кандан; канданиҳои фоиданок** моддаҳои ғайриорганикӣ (*аз қабили* сангҳои қиматбаҳо, филизот, нафт, газ), ки аз конҳо кофта бароварда мешаванд.

**К-АНДАР** کندر *шакли кӯтоҳшудаи* **ки андар**.

**КАНДИР** کندیر 1. *бот.* як намуди растании наҳдор, ки бештар дар соҳили дарёҳо ва канори чашмаҳо мерӯяд. 2. матои дурушт, ки аз ресмони ин растанӣ бофта шудааст.

**КАНДИРӢ** کندیری аз ресмони кандир бофташуда: **пешгираки кандирӣ**.

**КАНДУ** کندو 1. қуттии аз тахта сохташуда барои парвариши занбӯри асал. 2. зарфи калони хуммонанд барои нигоҳ доштани ғалладона ва орд.

**КАНДУК** کندوک *лаҳҷ., ниг.* **канду**.

**КАНДУКӮБ** کندوکوب *киноя аз* ташвишу беқарорӣ.

**КАНДУРА** کندره суфра, дастархон; суфраи чармӣ.

**КАНДУРӢ** کندری *ниг.* **кандура**.

**КАНЗ** کنز *кит. муарраби* ганҷ, хазина.

**КАНИЗ** کنیز *кҳн.* зан ё духтари барои хизмат харидашуда (зархарид); хизматгорзан.

**КАНИЗАК** کنیزک *шакли тасғири* **каниз;** хизматгордухтар, ғуломдухтар.

**КАНИЗӢ** کنیزی каниз шудан; хизматгорӣ (*оид ба зан*); **ба канизӣ қабул кардан** *киноя аз* касеро ба занӣ гирифтан.

**КАНИСА** *а.* کنیسه *кит.* ибодатхонаи насрониён ва махсусан яҳудиён.

**КАНИФОЛ** *лот.* کنیفال моддаи шишамонанди зарди сурхчатоби зудшикан, ки аз шилми дарахтони сӯзанбарг мегиранд.

**КАНӢ** کنی *гуфт.* 1. *пурсишҷонишини* куҷо?, чӣ шуд?, **канӣ**, **бародарат куҷост?** 2. ҳиссача (-и ифодакунандаи хоҳишмандӣ ва водор кардан ба коре), ку.

**КАННОС** *а.* کنّاس *кҳн.* 1. он ки хасу хошоки ҳавлию кӯчаҳоро рӯфта мекашонд, рӯбанда, ахлоткаш. 2. *маҷ.* ҷаллод, қотил.

**КАНОНДАН** کناندن *тарзи бевоситаи* **кандан**; ковондан: **ҷӯй канондан**.

**КАНОР** کنار 1. соҳил, лаби об. 2. паҳлу; гӯшаи ҳар чиз; тараф, ҷониб; сарҳади ягон ҷой; **гӯшаю канор** нуқтаҳои дури ҷое, ҷойҳои дурафтода ва дурдаст; **канор доштан** интиҳо доштан: **муҳаббати ӯ канор надошт; канор будан** дур будан, дар гӯшаи ҷое будан; **канор баромадан** а) ба соҳил баромадан; б) ба хориҷи ҷое баромадан; аз доираи чизе (коре) берун шудан; **худро ба канор кашидан** дур шудан, дурӣ гузидан. 3. бар, бағал, оғӯш; **канор кушодан** оғӯш кушодан; **ба канор бардоштан** ба бағал гирифтан; **ба канор гирифтан** *касеро* ба оғӯш гирифтан; ба истиқболи касе баромадан.

**КАНОРА** کناره 1. *ниг.* **канор** 1,2. 2. бофтаи тасмамонанд, ки ба ҳошияи либосҳо медӯзанд.

**КАНОРАГИР** کناره‌گیر 1. он ки аз ҷанҷолу ғалоғула худро ба як сӯ мекашад. 2. он ки аз коре даст кашида, гӯшанишинӣ мекунад;

гӯшанишин.

**КАНОРАГИРӢ** کناره‌گیری канора (ихтиёр) кардан, гӯшанишин шудан, гӯшанишинӣ.

**КАНОРАДОР** کناره‌دار канора доштани чизе; ҳошиядор.

**КАНОРАНГ** کنارنگ 1. ҳаким, валӣ. 2. маъмури сарҳад, марзбон.

**КАНОРАҶӮӢ** کناره‌جوئی *ниг.* **канорагирӣ**.

**КАНОРАҶӮЙ** کناره‌جوی *ниг.* **канорагир**.

**КАНОРӢ** کناری он чи дар канори (*дар сарҳади*) ягон ҷой воқеъ аст.

**КАНСЛЕР** *олм.* کنسلر унвони сарвазир дар баъзе мамлакатҳои Ғарб.

**КАНТАТА** *ит.* کنتته *мус.* суруди умумии пуртантана бо ҳамовозии оркестр.

**КАНУР I** کنور *кит.* хуми калон барои нигаҳдории ғалла.

**КАНУР II** کنور *кит.* фиреб, макр, найранг.

**КАНУРИДАН** کنوریدن *кит.* фиреб кардан, қаллобӣ кардан.

**кап** کپ *асоси замони ҳозира аз* **капидан**.

**КАПА** کپک 1. навъи хосе аз пӯпанак, ки бештар болои нону дигар навъҳои хӯ- рокиҳои хамириро зер мекунад, мағор. 2. беарзиш, паст.

**КАПАКЗАДА** کپک‌زده пӯпанакзада, мағоргирифта; **нони капакзада** нони мағоргирифта.

**КАПАНАК** کپنک *кҳн.* либоси пашмини кӯтоҳи беостини дарвешон ва чӯпонон; гуппича.

**КАПАНАКПӮШ** کپنک‌پوش он ки либоси намадӣ ба тан дорад.

**КАПАР** گپر *кит.* каппа, хонаи аз наю қамиш сохташуда.

**КАПЕЛЛА** *лот.* کپلّه 1. ибодатхонаи хурди католикҳо. 2. хори сарояндагон; дастаи муттаҳидаи ҳофизон ва навозандагон дар баъзе кишварҳо.

**КАПИДАН** کپیدن 1. рабудан, дуздидан. 2. қапидан.

**КАПИЛЛЯР** *лот.* کپیلیر 1. найи сӯрохтанг. 2. *биол.* раги бориктарини мағзи бофтаҳои одаму ҳайвонот, мӯйраг.

**КАПИЛЛЯРӢ** کپیلیری *мансуб ба* **капилляр**; **раги капиллярӣ** раги бориктарини хунгузар.

**КАПИТАЛ** *фр.* کپیتل *ниг.* **сармоя**.

**КАПИТАЛИЗМ** *фр.* کپیتلیز сохти ҷамъиятӣ, ки дар он воситаҳои истеҳсолот моликияти сармоядорон аст ва аз ин рӯ меҳнати кироя истисмор карда мешавад; *ниг.* **сармоядорӣ**.

**КАПИТАЛИСТ** *фр.* کپیتلیست *ниг.* **сармоядор**.

**КАПИТАЛИСТӢ** کپیتلیستی *ниг.* **сармоядорӣ**.

**КАПИТАН** *фр.* کپیتن 1. яке аз рутбаҳои афсарӣ дар артиш. 2. сардори киштиронон, нохудои киштӣ. 3. сардори дастаи варзишгарон: **капитани дастаи яккачини Тоҷикистон**

**КАП-КАБУД** کپ‌کبود *гуфт.*, *ниг.* **каб-кабуд**.

**КАППА I** کپّه хаймаи муваққатии аз латта ё бӯрё сохташуда дар сари кишт, чайла, коза; ◊ **каппаи** *касе* **сӯхтан (дуд кардан, дар гирифтан)** буду нобуди касе аз даст рафтан, ба боди фано рафтани тамоми чизу чораи касе; хонаи касе сӯхтан.

**КАППА II** کپّه як андоза аз чизи кӯфташуда, ки барои ба даҳон партофтан ба каф мегиранд; **каппа кардан** чизи кӯфтаеро ба каф гирифта ба даҳон партофтан.

**КАППАДОР** کپّه‌دار болопӯшида, соябондор; **аробаи каппадор** аробаи болопӯшида.

**КАППА-КАЛОН** کپّه‌کلان *гуфт.* хеле калон.

**КАППАНОК** کپّه‌ناک *ниг.* **каппадор**.

**КАППАПӮШ** کپّه‌پوش *ниг.* **каппадор**.

**КАППӢ** کپّی *кит.* 1. маймун, бӯзина, маймуни сиёҳ. 2. номи як аждаҳои афсонавӣ.

**КАППОН** کپّان 1. тарозуи калони овезаи якпаллаӣ барои баркашидани борҳои вазнини ғалла *ва г.* 2. бозори болопӯшида ё растаи махсус барои фурӯхтани навъҳои муайяни ғалладона.

**КАПРОН** *р.* کپران навъи нахи сунъӣ ва матои аз он бофташуда.

**КАПЧА** کپچه *ниг.* **кафча**.

**КАР** کر он ки гӯшаш намешунавад, гӯшаш вазнин; **кар шудан** ношунаво шудан (-и гӯш).

**КАР(Р)** کر зӯр, қувва; ◊ **карру фар** ҳашамат; дабдаба.

**КАРА** کره *ниг.* **карра** I.

**КАРАБИН** *фр.* کربین *ҳ.* милтиқи кӯтоҳ.

**КАРАВОТ** کروات навъи кати поядори хобравӣ, ки аз ду тараф такя дошта, бо тушак ё кӯрпача муҷаҳҳаз аст.

**КАРАМ** I *а.* کرم марҳамат, иноят; саховат, ҳиммат, кушодадастӣ, ҷавонмардӣ; **лутфу карам** меҳрубонӣ ва мурувват.

**КАРАМ** II کرم *бот.* сабзавоти хӯрокии намуди машҳураш лӯнда, ки аз баргҳои паҳни ба ҳам печида иборат аст ва **каллакарам, гулкарам, баргкарам, карамшалғам**... аз намудҳои он аст.

**КАРАМГУСТАР** کرمگستر *кит.* бахшоянда, сахӣ, карим.

**КАРАМӢ** کرمی хӯроки аз карам тайёршуда, карамдор.

**КАРАМПЕША** کرمپیشه *кит.* саховатманд, бахшанда, бомурувват.

**КАРАМХӮРАК** کرمخورک *зоол.* навъи шапалаки зараррасон, ки кирми он баргу решаи карамро хӯрда, боиси аз сабзиш мондани растанӣ мешавад.

**КАРАМШАЛҒАМ** کرمشلغم *бот., ниг.* **карам II;** навъи карам, ки пояи ғафс дорад.

**КАРАМШӮРБО** کرمشوربا шӯрбое, ки ба он барги карам андохтаанд.

**КАРАНТИН** *ит.* کرنتین 1. чораҷӯиҳои маъмурӣ ва тиббию беҳдоштӣ барои пешгирии паҳншавии касалиҳои сироятӣ ва барҳам додани манбаи онҳо. 2. ҷои махсус барои муддати муайян нигоҳ доштани одамон, молҳо ва ҳайвоноте, ки аз ҷоҳои касалии сироятӣ паҳншуда омадаанд (*бо мақсади боварӣ ҳосил кардан ба он, ки онҳо паҳнкунандаи беморӣ нестанд*).

**КАРАНҶУ** کرنجو хоби даҳшатнок, кобус.

**КАРАСИН** *р.-англ.* کرسین маҳсуле аз нафт, ки моддаи обакии сӯзишворист.

**КАРАСИНДОН** کرسین‌دان зарф барои андохтани карасин, човак, карасин.

**КАРАСИНӢ** کرسینی бо карасин коркунанда; бо карасин сӯзанда; **чароғи карасинӣ** чароғе, ки дар пилтааш карасин сӯхта равшанӣ медиҳад.

**КАРАСИНЛАМПА** کرسین‌لمپه чароғи карасинӣ.

**КАРАСТУН** کرستون *кҳн.* тарозуи якпалла.

**КАРАТ** *а.* کرت бор, дафъа; *муқ.* **карра(т); ду карат ду-чор** ҳосили зарби ду бар ду чор мешавад.

**КАРАТӢ** کرتی *мансуб ба* **карат**; маротиба.

**КАРАТЭ** *яп.* کرته *варз.* навъи гӯштин, ки ба усули бе силоҳ бо дасту пой муҳофизат кардани худ асос ёфтааст.

**КАРАФС** کرفس *бот.* гиёҳест аз оилаи чатргулҳо, ки аз он хӯриш тайёр мекунанд ва дар тибби халқ гиёҳи давоӣ ҳисоб меёбад.

**КАРАХТ** کرخت 1. сахт; шахшуда. 2. беҳисшавии баъзе аъзои бадан ё тамоми он аз сармо ё ба ягон иллати дигар, хобрафтагии дасту пой, хадар. 3. *маҷ.* одами камҳуши гаранги сусткор.

**КАРАХТА** کرخته *тиб.* як навъи бемории асаб, ки гирифтори он карахт мешавад.

**КАРАХТӢ** کرختی ҳолати карахт будан.

**КАРАХТКУНАНДА** کرخت‌کننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **карахт кардан**; беҳискунанда, беҳушкунанда.

**КАРАХТШАВӢ** کرخت‌شوی *исми амал аз* **карахт шудан**; беҳисшавӣ.

**КАРАХТШУДА** کرخت‌شده *сифати феълии замони гузашта аз* **карахт шудан**; беҳисшуда, беҳушшуда.

**КАРАХШ** کرخش 1. пардаи хушке, ки бар рӯи реш ва ҷароҳат вақти ба ҳам омадани он пайдо мешавад. 2. оби часпаке, ки аз шиддати ҳарорати бадан дар даҳони хушкида пайдо мешавад. 3. хокаи сафолмонанди шахшудаи об дар таги зарфҳои обҷӯшонию

хӯрокпазӣ; **карахш бастан** а) хушкидани реш ва ҷароҳат; б) хушкидани даҳон аз шиддати ҳарорат; в) мисли сахт шудани хокаи таҳшиншудаи об.

**КАРАШМА** کرشمه нозу ишва; ишора бо чашм ва абрӯ.

**КАРАШМАДОР** کرشمه‌دار он ки нозу ишва мекунад.

**КАРБАСА** کربسه *зоол.* калпесаи захрдор.

**КАРБАШ** کربش *ниг.* **карбас(а)**.

**КАРБИД** *ю.* کربید моддаи химиявӣ иборат аз омезиши филиз бо карбон; **чароғи карбид** чароғе, ки бо карбид месӯзад.

**КАРБОН** *лот.* کربان унсури химиявӣ, ки ҷузъи муҳимтарини тамоми моддаҳои органикиро дар табиат медиҳад.

**КАРБОС** *ҳ.* کرباس матои сафеди дурушти аз нах дар дӯкони дастӣ бофташуда.

**КАРБОСА** کرباسه *кит.* калпеса, калтакалос.

**КАРБОСБОФ** کرباس‌باف бофанда ё нассоҷе, ки карбос мебофад.

**КАРБОСБОФӢ** کرباس‌بافی бофтани карбос; амал ва шуғли карбосбоф.

**КАРБОСӢ** کرباسی аз карбос дӯхташуда.

**КАРБЮРАТОР***фр.* کربیورتار *тех.* абзоре дар муҳаррики дарунсӯз, ки сӯзишвориро ба омехтаи газнок мубаддал карда, ба силиндр мегузаронад.

**КАРВ(А)** کرو(ه) *кит.* (дандони) ковок, (дандони) пӯсида.

**КАРВИЁ** کرویا тухми як навъ гиёҳест, ки ба рӯи нон мепошанд, зираи румӣ.

**КАРГАС** کرگس *зоол.* ҷинси парандаи калони чанголдори лошахӯр.

**КАРДА** کرده *сифати феълии замони гузашта аз* **кардан**; кори карда: **аз карда пушаймон**.

**КАРДАКОР** کرده‌کار ботаҷриба; кордон, корчалон.

**КАРДАН** کردن 1. ба ҷо овардан, анҷом додан (*кореро*). 2. сохтан, бино кардан. 3. *ҳамчун феъли ёридиҳанда феълҳои таркибии номӣ месозад*: **кор кардан, нигоҳ кардан, пайдо кардан, саъй кардан, тасдиқ кардан, тез кардан, хизмат кардан, ҷанг кардан** *ва г.;* **аз худ кардан** ёд гирифтан, омӯхтан; **аҳд кардан** паймон бастан; ваъда додан; **муборакбод кардан** табрик намудан; **парво кардан** а) парвариш (нигоҳубин) кардан; б) фикр кардан, хаёл намудан; **сарулибос кардан** сарулибос дар бар кардан, либос пӯшидан; **сер кардан** *касеро* аз ғизо қонеъ намудан касеро; **сухан кардан** гап задан, сухан рондан; **сухан кардан нуқра бошад, хомӯшӣ тиллост** (*зарб.*); *дар мавридиҳои ба маънои* изҳор кардан ё нишон додани чизе *омадани феълҳои таркибӣ ёридиҳандаи* **кардан**-ро бо **намудан** ҳамчун муродиф иваз кардан мумкин аст: **изҳор кардан // изҳор намудан, баён кардан // баён намудан, марҳамат кардан // марҳамат намудан, ҷилва кардан // ҷилва намудан** *ва г.*

**КАРДАНӢ** کردنی *сифати феълии замони оянда аз* **кардан;** он чи бояд карда шавад.

**КАРДАР** کردر *кит.* дара, кӯҳу дара.

**КАРДИОГРАММА** *ю.* کردیاگرمه тасвири ҷадвалии кори дил.

**КАРДИОГРАФИЯ** *ю.* کردیاگرفیه сабти тапиши дил ба воситаи дастгоҳи кардиографӣ; маҷмӯи усулҳои ба қайд гирифтани набзи дил.

**КАРДИОЛОГИЯ** *ю.* کردیالاگیه соҳаи тиб оид ба тадқиқу омӯзиши касалиҳои дил.

**КАРДИОЛОГӢ** کردیالاگی *мансуб ба* **кардиология**; **маркази кардиологӣ** маркази муолиҷаи касалиҳои дил.

**КАРЕҲ** *а.* کریه зишт, бадандом; нофорам, кароҳатангез.

**КАРЕҲМАНЗАР** کریه‌منظر зиштрӯй, бадафт, бадқиёфа.

**КАРЕҲУЛМАНЗАР** کریه‌المنظر *ниг.* **кареҳманзар**.

**КАРИКАТУРА** *ит.* کریکتوره расме, ки дар он ягон ҷиҳати манфии ашхос ё чизи дигар ё рӯйдод бо мақсади ҳаҷв ва ришханд аз будаш зиёд ва мазҳакаомез тасвир шудааст, тасвири музҳик, тасвири ҳаҷвӣ.

**КАРИКАТУРӢ** کریکتوری ҳаҷвӣ, музҳик.

**КАРИМ** *а.* كريم 1. босаховат; ҷавонмард, соҳиб-эҳсон. 2. *д.* бахшандаи гуноҳ (*сифати Худо*).

**КАРИМА** *а.* كريمه 1. *кит. муаннаси* **карим**. 2. духтар.

**КАРИМӢ** كريمی *мансуб ба* **карим**.

**КАРИМОНА** كريمانه бо нармдилӣ, ҳалимӣ, шафқат рафтор кардан; нармдилона, олиҳимматона.

**КАРӢ** كری ношунавоии гӯш; **худро ба карӣ андохтан (задан)** *киноя аз* худро ба нодонӣ задан (*дар масъалае*); дар ҳолати ношунида худро вонамуд кардан.

**КАРК** كرک *ниг.* **каркадан**.

**КАРКАДАН** كرکدن ҳайвони ширхори говмешмонанди бузургҷуссаи пурзӯр, ки дар болои биниаш як шох дорад ва бештар дар Ҳиндустон ва Африқо зиндагӣ мекунад.

**КАРКАМ** كرکم *кит.* рангинкамон, тирукамон, қавси қузаҳ, тироза.

**КАРКУНАНДА** كرکننده *сифати замони ҳозира аз* **кар кардан**; овоз ё садои баланд (-и гӯшкаркунанда).

**КАРМАНД** كرمند *кит., кҳн.* шитобкор, шитобкунанда, саросема.

**КАРНАВАЛ** *фр.* كرنول як навъ ҷашни умумихалқӣ, ки мардум либосҳои музҳик пӯшида, бо ниқоб дар кӯчаҳо сайр мекунанд; **карнавали солинавӣ**.

**КАРНАЙ** كرنی *мус.* асбоби нафасии баландовоз, ки аз биринҷӣ сохта шуда, танааш борики дароз ва қисми даҳанааш махрутишакл мебошад ва дар маросимҳои тантанавӣ ва тӯйҳо менавозанд; **карнайи радио** асбоб барои ба садо табдил додани мавҷҳои бо сими радио фиристодашуда, баландгӯи радио; ◊ **карнай навохтан** воқеаеро овозаю дарвоза кардан; **иштиҳо карнай шудан** сахт гурусна ва толиби хӯрок будан.

**КАРНАЙГУЛ** كرنیگل *бот.* як навъ гул, ки рангҳои сурх, арғувонӣ, норинҷӣ ё гулобӣ дорад.

**КАРНАЙНАВОЗ** كرنینواز он ки карнай менавозад, мутриби навозандаи карнай.

**КАРНАЙНАВОЗӢ** كرنینوازی амал ва шуғли карнайнавоз, карнай навохтан.

**КАРНАЙЧА** كرنیچه карнайи хурд.

**КАРНАЙЧӢ** كرنیچی *гуфт., ниг.* **карнайнавоз**; ◊ **аз карнайчӣ як пуф** кори таваккал кардан; *назири* **шавад обӣ, нашавад лалмӣ**.

**КАРНАМО** كرنما монанди кар будани *касе*, ҳамчун кар будани касе.

**КАРНОЙ** كرنای *ниг.* **карнай**.

**КАРОБОДИН** *ю.* كرابادين *тиб., ниг.* **қарободин**.

**КАРОК** كراک парандаи думдароз аз қабили саъва.

**КАРОМАТ** *а.* كرامت 1. каримӣ, карам, саховат, олиҳимматӣ. 2. *д.* ғайбдонӣ; амали фавқулодае, ки аз авлиё содир мешавад; *муқ.* **мӯъҷиза** (*ки аз анбиё содир мешавад*).

**КАРОМОТ** *а.* كرامات *ҷ.* **кароматт**; **каромот нишон додан** *д.* мӯъҷизае аз худ нишон додан.

**КАРОН** كران 1. канори чизе, канора. 2. интиҳо, поён.

**КАРОНА** كرانه *ниг.* **карон**.

**КАРОНАҶӮ(Й)** كرانه‌جو(ی) гӯшанишин, узлатнишин.

**КАРОНАҶӮӢ** كرانه‌جويی гӯшанишинӣ, хилватнишинӣ, узлатнишинӣ.

**КАРОҲАТ** *а.* كراهت дилнокашӣ, нафратангезӣ; нафрат.

**КАРОҲАТАНГЕЗ** كراهت‌انگيز нафратангез.

**КАРОҲАТБОР** كراهتبار нафратовар.

**КАРОҲАТНОК** كراهتناک *ниг.* **кароҳатангез**.

**КАРОҲАТОВАР** كراهت‌آور *ниг.* **кароҳатангез**.

**КАРОҲИЯТ** *а.* كراهيت *ниг.* **кароҳат**.

**КАРОШИДА** كراشيده 1. *кит. сифати феълии замони гузашта аз* **карошидан**; парешоншуда, парокандашуда.

**КАРОШИДАН** كراشيدن *кит.* ошуфта кардан, парешон кардан.

**КАРРА(Т)** *а.* كرّه//كرّت *ниг.* **карат**.

**КАРРА** كرّه мағор, пӯпанак.

**КАРРУК** کرّوک риштаи аз пахтаи паст ва дағал тофташуда.

**КАРРУКӢ** کرّوکی *мансуб ба* **каррук**: **карбосу қаламии дағали каррукӣ**.

**КАРРУФАР** کرّوفر 1. ҳашамат, дабдаба. 2. олуфтагӣ, худоройӣ.

**КАРСОН** کرسان *ниг.* **корсон**.

**КАРТ** کرت **:равғани карт** равғани дунбаи обнакардаи бешалҳа ва гӯшт.

**КАРТОГРАФИЯ** *фр.* کرتاگرفیه илми таҳияи харитаҳои ҷуғрофӣ, илми харитасозӣ.

**КАРТОГРАФӢ** کرتاگرفی *мансуб ба* **картография**; **аломатҳои картографӣ** аломатҳое, ки барои сохтани харитаҳо истифода мебаранд.

**КАРТОН** *лот.* کرتان коғази ғафси сахт, коғази муқова.

**КАРТОНӢ** کرتانی аз картон сохташуда: **қуттии картонӣ**.

**КАРТОТЕКА** کرتاتکه *кҳн., ниг.* **баргадон;** маҷмӯи варақа-карточкаҳои бо тартиби алифбо пайиҳам чидашуда; **картотекаи китобхона** баргадони китобҳо, феҳристи китобҳо дар варақаҳо.

**КАРТОШКА** *олм.* کرتاشکه 1. растании бехмеваи полизии маъруф. 2. ҳосили ин растанӣ.

**КАРТОШКАБИРЁН** کرتاشکه‌بریان хӯроки аз картошкаи дар равған бирён кардашуда.

**КАРТОШКАГУЛ** کرتاشکه‌گل навъи гул, ки ба гули картошка монанд аст.

**КАРТОШКАҒУНДОРАК** کرتاشکه‌غندارک *кишов.* мошинаи махсуси картошкағундорӣ.

**КАРТОШКАҒУНДОРӢ** کرتاشکه‌غنداری *ниг.* **картошкагирӣ**.

**КАРТОШКАКОР** کرتاشکه‌کار *кишов.* деҳқоне, ки бо киштукори картошка машғул аст.

**КАРТОШКАКОРӢ** کرتاشکه‌کاری *кишов.* соҳаи зироат, ки бо киштукори картошка машғул аст.

**КАРТОШКАЧИНӢ** کرتاشکه‌چینی амалиёти чидани маҳсули зироати картошка.

**КАРТОШКАШИНОНАК** کرتاشکه‌شنانک *кишов.* мошинае, ки бо он картошка мешинонанд.

**КАРТОШКАШИНОНӢ** کرتاشکه‌شنانی амалиёти шинондани картошка.

**КАРТРИҶ** *англ.* کرتریج *ит.* зарфе, ки дар он сиёҳӣ гузошта, даруни принтер ҷойгир мекунанд; сиёҳидони принтер.

**КАРТСЕР** *лот.* کرتسر хуҷраи яккаса дар ҳабсхонаҳо барои нигаҳдории муваққатии маҳбусони тартиботро риоянакарда ё норизо, такхона.

**КАРҲАН** *а.* کرهاً *кит.* ба икроҳ, маҷбуран, зӯран, бо дили ноҳоҳам: **тавъан ва карҳан** хоҳу ноҳоҳ.

**КАРҶ** کرج порчаи камоншакл буридашудаи харбуза ва тарбуз, қош.

**КАС** کس 1. фард, шахс, одам; нафар: **даҳ кас омад**. 2. ёр, рафиқ; мададгор; **касу нокас** одами хубу бад; **кас доштан** мададгор доштан; **кас мондан** касеро барои коре ба назди касе фиристодан; **кас монда овардан** *касеро* касеро ба воситаи касе овардан; **касе нест, ки..;** ягон кас ёфта намешавад, ки…

**КАСАБА** کسبه *ҷ.* **косиб;** косибон, пешаварон, аҳли ҳунар; **иттифоқҳои касаба** *кҳн.* созмонҳои оммавии коргарону кормандон дар муассисаву корхонаҳо барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои онон.

**КАСАБАВӢ** کسبوی *мансуб ба* **касаба**: **ташкилоти касабавӣ**.

**КАСАВ** *т.* کسو ҷӯб барои кофтани оташи танӯр, оташко; **касави сари танӯр** *киноя аз* одами иғвоандоз.

**КАСАК** کسک *ниг.* **акка, аккаи думдароз**.

**КАСАЛ** *а.* کسل бемор, мариз, нотоб: **касал шудан**.

**КАСАЛБИНӢ** کسل‌بینی аёдати бемор, ба дидани бемор рафтан, ба аҳволпурсии бемор рафтан.

**КАСАЛБОН** کسلبان он ки одами касалро нигаҳбонӣ мекунад.

**КАСАЛБОНӢ** کسلبانی парастории бемор.

**КАСАЛИОВАР** کسلی‌آور он чи ё он ки баранге-

зандаи беморӣ аст.

**КАСАЛӢ** کسلی беморӣ, нотобӣ.

**КАСАЛМАНД** کسلمند дардманд, нотоб.

**КАСАЛНАМО** کسلنما касалманд, дар назар сиҳату дар асл касал.

**КАСАЛПОӢ** کسلپائی *ниг.* **касалбонӣ**.

**КАСАЛХОНА** کسلخانه беморхона, бемористон.

**КАСАНДАР** کسندر нокас, ноақл, номард, фурӯмоя, паст.

**КАСБ** *а.* کسب 1. бо кӯшишу меҳнат ба даст овардани чизе, ихтисос, шуғл; **касби илм** дониш омӯхтан, илмомӯзӣ. 2. *маҷ.* пеша, ҳунар, ҳирфа; **касбу кор** пеша ва шуғл; **касб карда гирифтан** ба худ пеша қарор додан (*шуғлеро*); **касби камол кардан** илму дониш андӯхтан, комил шудан дар илму дониш ва одобу ахлоқ. 3. намуди асосии шуғл, ки бо ҳуҷҷат (ба таҳсилот) тасдиқ мегардад; ихтисос.

**КАСБӢ** کسبی *мансуб ба* **касб**. 2. ҳунар, санъат ва умуман ихтисосе, ки одам ба воситаи таҳсил ба даст овардааст, ҳирфаӣ.

**КАСБОМӮЗ** کسب‌آموز он ки дар мактаб ё пеши устод касб меомӯзад.

**КАСБОМӮЗӢ** کسب‌آموزی ҳунар ва пешаеро ёд гирифтан, ҳунаромӯзӣ.

**КАСДОН** کسدان **:касдону касмадон** ошкору ниҳон, аёну пинҳон; махфиёна.

**КАСЕ** کسی кадоме, ким-касе.

**КАСИР** I *а.* کثیر *кит.* бисёр, зиёд, фаровон.

**КАСИР** II *а.* کثیر *кит.* шикаста, шикасташуда.

**КАСИРУЛАВЛОД** *а.* کثیرالاولاد серфарзанд.

**КАСИРУЛАДАД** کثیرالعدد фаровон, бисёр, дорои шумораи зиёд.

**КАСИРУЛМИЛЛАТ** *а.* کثیرالملّت *кит.* сермиллат.

**КАСИФ** *а.* کثیف 1. ғафс; анбӯҳ. 2. чиркин, нопок, ифлос.

**КАСКАДЁР** *фр.* کسکدیار 1. иҷрокунандаи барномае дар сирк, ки одатан ба афтухезҳои хандаовар асос ёфтааст. 2. шахсе, ки дар филмҳо ҳамчун ивазкунандаи иҷрокунандаи нақше амалиёти мураккаб ва хавфнокро анҷом медиҳад.

**КАСМАГАРД** کسمگرد **:роҳи касмагард** роҳи партов, роҳи хилват.

**КАСМАДОН** کسمدان пинҳон, *муқоб.* **касдон**.

**КАСМАЁБ** کسمیاب 1. ҷое, ки касе онро ёфта наметавонад: **ба ягон ҷои касмаёб руст мекунам**. 2. камёб, камчин; **касмахару касмадон** чизи камчини беқадр.

**КАСМАХАР** کسمخر моли касод, ба фурӯш нараванда.

**КАСНОГУЗАР** کس‌ناگذر ҷое, ки одам аз он намегузарад ё гузашта наметавонад: **биёбони сӯзони касногузар, ҷангали касногузар**.

**КАСНОФАҲМ** کس‌نافهم он чи одам дар дарки он оҷиз аст, фаҳмиданаш номумкин.

**КАСНОШУНИД** کس‌ناشنید садо ё овозе, ки шунида намешавад.

**КАСОД** *а.* کساد 1. беривоҷӣ ва бехаридории чизе, беравнақ, бемуштарӣ. 2. бозоре, ки дар он ба матое харидор кам аст ё ҳеҷ аст; **моли касод** моли касмахар; **касод шудани бозори** *чизе* пайдо нашудани харидор ба ягон мол.

**КАСОДӢ** کسادی беравнақӣ, набудани харидор, беривоҷии бозор.

**КАСОДШАВӢ** کسادشوی *исми амал аз* **касод шудан**; беравнақ шудан (-и бозор).

**КАСОДШУДА** کسادشده *сифати феълии замони гузашта аз* **касод шудан;** аз равнақу ривоҷ боз мондан.

**КАСОЛАТ** *а.* کسالت сустӣ, беҳолӣ; мондагӣ, хастагӣ; ранҷурӣ, беморӣ, касалӣ.

**КАСОНА** کسانه сарикасӣ; аз они кас; **китобҳои касона** китобҳои аз одамон гирифташуда; **ҷуфти гови касона** барзагови ба кироя гирифташуда.

**КАСОФАТ** کثافت 1. чиркинӣ, нопокӣ. 2. *маҷ.* наҳсӣ, шумӣ; **ба касофати**… ба айби, бо гуноҳи…; **касофати** *касе* **ба** *касе* (*чизе* **ба** *чизе*) **расидан** ба айби (наҳсии) касе ба нохушие гирифтор шудани шахсе.

**КАСОФАТБОР** کثافت‌بار *ниг.* **касофатовар**.

**КАСОФАТӢ** کثافتی таҳқир, наҳсӣ, шумӣ, мурдорӣ (*доир ба инсон*).

**КАСОФАТОВАР** کثافت‌آور он чи ё он ки нохушӣ ва бадбахтӣ меоварад; наҳсовар.

**КАСР I** *а.* کسر 1. шикаст, зарар, зиён; **касри шаън** шикаст расидан ба шаъну эътибори касе; **касри буҷет** *иқт.* зиёдии хароҷот назар ба даромад дар миқёси давлат ё ягон соҳаи хоҷагӣ, дефитсити буҷет. 2. *риёз.* адади камтар аз воҳиди пурра; **касри даҳӣ** касре, ки ба ҳисоби даҳтоӣ бароварда мешавад: **даҳяк, садяк; касри одӣ** касре, ки ба ҳисоби ғайридаҳтоӣ бароварда мешавад: **аз се як, аз панҷ чор**.

**КАСР II** کسر *ниг.* **касра**; ба касри алиф бо алифи «и» ё «э» хондашаванда.

**КАСРА** کسره *збш.* аломатест дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ, ки ба зери ҳарфи ҳамсадо гузошта шуда, баъд аз он ҳарф талаффуз кардани овози садоноки кӯтоҳи «-и» ва гоҳо «э»-ро нишон медиҳад, зер.

**КАСРАТ** کسرت касирӣ; бисёрӣ, зиёдӣ; бисёршавӣ, зиёдшавӣ.

**КАСРДОР** کسردار 1. шикастдор, зарардошта. 2. *ниг.* **касрӣ**.

**КАСРӢ** کسری **:адади касрӣ** *риёз.* ададе, ки дар натиҷаи бо бақия тақсим шудани сурати каср ба махраҷ ба вуҷуд омадааст.

**КАСРУФ** کسروف *бот.* гиёҳи бисёрсолаи худрӯест мансуб ба чатргулҳо, ки дар тамоми умри худ як маротиба гулу мева карда, пас тамоман нобуд мешавад.

**КАССАТСИЯ** *лот.* کسّتسیه 1. бекор кардан ё аз нав дида баромадани ҳукми суди поёнӣ аз тарафи суди болоӣ. 2. шикоят аз ҳукми суд.

**КАССЕТА** *ит.* کسّیته ғилоф барои навори мусиқӣ, филм ё дастгоҳи суратгирӣ *ва г.*

**КАССЕТӢ** کسّیتی *мансуб ба* **кассета**.

**КАСТА** *порт.* کسته табақаи ҷамъиятӣ бо имтиёзҳои махсус; **кастаи бараҳманҳо**.

**КАТ** کت 1. чорпояи калон барои нишастану хобидан: **кати симин, кати тахтагӣ**. 2. тахт, тахти подшоҳӣ.

**КАТАК** کتک 1. хонача барои мурғону кабӯтарон; хонаи хурд. 2. хонача-хонача, чорхона: **дафтари катак, чити катак**.

**КАТАЛОГ** *ю.* کتلاگ *ниг.* **феҳрист**.

**КАТАР** کتر *тиб.* газаки пардаҳои луобии ягон узви бадан (*бинӣ, гулӯ, меъда ва г.*).

**КАТЕГОРИЯ** *ю.* کتیگاریه 1. *фалс.* маф- ҳумҳои асосие, ки хусусиятҳои умумӣ, муҳим, мунсибати ҳодисаҳои воқеӣ ва маърифатро инъикос мекунанд: **катего- рияҳои вақту фазо, зиддияту сабабият, ҳаракат** *ва г.* 2. *збш.* маҷмӯи мафҳумҳои умумии ба гурӯҳи муайяне хос: **категорияи грамматикӣ, категорияи исм, категорияи шахсу шумора**.

**КАТЕР** *англ.* کتر киштии хурди одатан тезгарди бодбонӣ ё моторӣ, қаиқ, заврақ.

**КАТИБА** *а.* کتیبه хати дар девори биноҳо ва рӯи сангҳо барои ёдгорӣ навишта ё кандашуда, сангнабишта; *муқ.* **китоба**.

**КАТИБАШИНОС** کتیبه‌شناس он ки хати қадимӣ (*рӯи девор ва сангҳо*)-ро мехонад; олими забоншинос.

**КАТИБАШИНОСӢ** کتیبه‌شناسی соҳаи илм доир ба шинохт ва таҳқиқи катибаҳо.

**КАТИР** کتیر *кҳн.* шӯразамин дар саҳро, ки аз дур чун об менамояд; сароб.

**КАТӢ** کتی *гуфт., пасоянди ҳамроҳӣ ва восита* бо ҳамроҳии...; бо: **ман катӣ ҳазлбозӣ накун, роҳи лаби сой катӣ рафтанд;** *муқ.* **қатӣ**.

**КАТО** کتاد *физ.* электроди манфӣ; *муқоб.* **анод**.

**КАТОДӢ** کتادی *мансуб ба* **катод**.

**КАТОЛИК** *ю.* کتالیک пайрави мазҳаби католикӣ дар дини исавӣ.

**КАТОЛИКӢ** کتالیکی *мансуб ба* **католик**.

**КАТОН** *ак.* کتان гиёҳест аз тугмачагулҳо, ки аз танаи он нах ҳосил мекунанд ва равғани тухми онро дар техника истифода мебаранд; матои аз нахи ин гиёҳ ё зағирпоя бофташуда.

**КАТОНБОФ** کتان‌باف он ки аз ресмони катон чизҳои лозимма мебофад.

**КАТОНБОФӢ** کتان‌بافی амали катонбоф.

**КАТОНӢ** کتانی *мансуб ба* **катон; суфи катон** суфи аз ресмони катон ё зағирпоя бофташуда.

**КАТТАГӢ** کتگی *гуфт.* калонигарӣ, бодигӣ.

**КАТЧА** کتچه кати хурд, каравоти майда.

**КАУЧУК** *англ.* کئوچوک гурӯҳи полимерҳои растанигӣ ва синтезӣ, ки аз он резин месозанд.

**каф** کف *асоси замони ҳозира аз* **кафидан**.

**КАФ** I *а.* کف 1. рӯи даст, тарафи дарунии панҷаи даст: **кафи даст; кафи кафш** таги кафш; **кафи по** таги по, таги панҷаи по. 2. як мушт чизе ба андозаи гунҷоиши рӯи як даст: **кафи хокистар** а) як мушт хок; б) *маҷ.* инсон ё ҷисми инсон. 3. даст; **каф задан** қарсак задан, чапак задан (*ба аломати таҳсин ё тасдиқи фикре*); **ба каф ниҳодан** ба дасти касе додан, супурдан; **аз каф додан** аз даст додан; **аз каф рафтан** аз даст рафтан; **ба каф овардан** ба даст овардан.

**КАФ** II کف *ниг.* **кафк**.

**КАФАКӢ** I کفکی тагчарми кафш, мӯза *ва г.*

**КАФАКӢ** II کفکی ба тарзи сунъӣ қонеъ кунондани нафси шаҳвонӣ, истимноъ.

**КАФАЛ** *а.* کفل сурини одам ва ҳайвонот, рон.

**КАФАН** *а.* کفن порчаи матои сафеде, ки мурдаро баъди шустан ба он печонда гӯр мекунанд; **кафан кардан** баъди мурдан шуста ба кафан печондан; **кафан дӯхтан** пеш аз шустани мурда матои сафедро мувофиқи қаду басти вай бурида тайёр кардан; ◊ **аз мурда кафан рабудан** аз бахри фоидае аз ҳеҷ чиз худдорӣ накардан; **кафан пӯшидан** омода шудан ба коре, ки мумкин аст ба хубӣ анҷом наёбад.

**КАФАНГАДО** کفن‌گدا ниҳоят бенаво, ки баъди мурдан ҳатто маблағи як кафанвориро ҳам надорад; **кафангадо шудан** тамоман мӯҳтоҷу нодор шудан.

**КАФАНДУЗД** کفن‌دوزد он ки гӯрро кушода кафани мурдаҳоро мебарад; дузди пастназар.

**КАФАНДУЗДӢ** کفن‌دوزدی амал ва шуғли кафандузд.

**КАФАНДӮЗ** کفن‌دوز он ки барои мурдагон кафан медӯзад.

**КАФАНДӮЗӢ** کفن‌دوزی амали кафандӯз, кафан дӯхтан.

**КАФАНӢ** کفنی матое, ки барои кафан дӯхтан тайёр мекунанд; **гӯрию кафанӣ** матоъ ва маблағе, ки барои рӯзи мабодо тайёр мекунанд.

**КАФАНПЕЧ** کفن‌پیچ **:кафанпеч кардан мур**даро дар кафан печондан.

**КАФАНПУЛӢ** کفن‌پولی маблағ барои хариди кафан баҳри дафни мурдаи одами хеле мӯҳтоҷу нодор.

**КАФАНФУРӮШӢ** کفن‌فروشی *кҳн.* матои кафанбобро дар назди худ тайёр нигоҳ дошта, вақти дармондагии касон фурӯхта фоида бурдан, ки кори қабеҳ ҳисоб меёфт.

**КАФБАСТА** کف‌بسته *кит., маҷ.* хасис, мумсик.

**КАФБИН** کف‌بین он ки аз рӯи хатҳои кафи дасти шахсе гузаштавуояндаи ӯро гуфта медиҳад.

**КАФБИНӢ** کف‌بینی амали кафбин: хатҳои кафи дасти касеро барои гузаштавуояндааш гуфтан; хиромантия.

**КАФГИР** کفگیر асбоби пахни филизии сӯрохсӯрохи дастадор, ки барои гирифтани асосан кафки ошҳои обакӣ ва умуман барои гардондан ва гирифтани таомҳои ғайриобакӣ аз дег истифода мешавад; **як кафгир** ба миқдори гунҷоиши як кафгир; каме, андаке.

**КАФГИРЗАН** کفگیرزن *маҷ.* хушомадгӯй, лаганбардор.

**КАФГИРЗАНӢ** کفگیرزنی *маҷ.* хушомадгӯӣ, лаганбардорӣ.

**КАФЕДРА** *ю.* کفیدره 1. минбар, курсӣ. 2. дар мактаби олӣ воҳиди маъмурии илмию таълимии як ё якчанд соҳаи ба ҳам наздики илм; хона ё бинои ҷойгиршавии чунин воҳиди маъмурӣ.

**КАФЗАН** کف‌زن *маҷ.* дузд.

**КАФЗАНӢ** کف‌زنی 1. молиш додан бо даст, муштмолӣ. 2. *ниг.* **кафкӯбӣ**. 3. *маҷ.* дузд.

**КАФИДА** کفیده *сифати феълии замони гузашта*

*аз* **кафидан**; таркида, шикоф пайдокарда; тарқиш пайдокарда. 2. *геол.* ҷойҳои тарқиш пайдокардаи замин.

**КАФИДАГӢ** کفیدگی *шакли дигари сифати феълии замони гузаштаи* **кафида**. 1. шикофта, таркида. 2. ҷоҳои таркида, шикоф пайдокарда, тарқиш пайдокарда: **кафидагиҳои девор**.

**КАФИДАН** کفیدن таркидан, шикофта шудан, шикоф пайдо кардан, аз ҳам ҷудо шудан; **дил кафидан** хеле дилтанг будан; **ба кафидан расидани дил** дар мавриди рӯй додани хавотирӣ ва тарси бениҳоят зиёд гуфта мешавад; **замин кафида одам баромадан // замин кафида одам рӯидан** одам хеле зиёд аст (буд), издиҳоми зиёд будан; **замин накафид, ки дароям** дар мавриди ифодаи ниҳояти хиҷолатзадагӣ ва шармандагӣ гуфта мешавад; ◊ **кафидани чашми рӯз** дамидани субҳ, сапедадам;

**КАФИЛ** *а.* کفیل 1. он ки дар вақти талаб кардан ёфта додани чизе ё касеро ба зимма гирифтааст, кафолатдиҳанда, зомин. 2. он ки иҷрои коре ё вазифаеро ба ҷои касе ба зиммаи худ гирифтааст; **кафил шудан** замонат додан; пардохти чизе ё иҷрои кореро ба ҷои касе ба зимма гирифтан; ба гардан гирифтани ҷавобгарӣ барои кирдори касе.

**КАФИЛӢ** کفیلی кафилшавӣ, кафолат, замонат; **кафилии** *касеро* **гирифтан** а) ба ивази касе иҷрои кореро ба зимма гирифтан; б) *гуфт.* сарпарастии касеро ба ӯҳда гирифтан; **ба кафилӣ гирифан** зомин шудан; пардохти чизе ё иҷрои кореро ба ивази касе ба зимма гирифтан.

**КАФК** کفک хубобчаҳои сафеде, ки вақти бо обу собун шустани бадан ё матоъ пайдо мешавад; хубобчаҳое, ки вақти ҷӯшидани об, моеъҳо ва ҳаракати тези онҳо бар рӯяшон мебарояд: **кафки даҳон, кафки собун; кафк кардан** пайдо шудани хубобчаҳои сафед аз собун ё дар вақти ҷӯшидани моеъҳо; **кафк паридан** пош хӯрдани кафки чизе ба атроф.

**КАФКДОР** کفکدار кафкдошта, кафккунанда.

**КАФКОЗӢ** کفکازی *ниг.* **кавказӣ**.

**КАФКОЛУД** کفکآلود омехта бо кафк; кафкдор: **оби кафколуд**.

**КАФКӮБӢ** کفکوبی чапакзанӣ, қарсакзанӣ.

**КАФЛЕЗ** کفلیز қошуқи (чумчаи) калони дастадароз, ки бо он ошҳои обакиро аз дег мекашанд; **он чи дар дег аст, ба кафлез мебарояд** (*зарб.*).

**КАФЛЕЗА** کفلیزه *зоол.* бачаи қурбоққа, ки ба шакли кафлез думдор аст.

**КАФЛЕЗАК** کفلیزک *ниг.* **кафлеза**.

**КАФЛЕС** کفلیس *ниг.* **кафлеза**.

**КАФМОЛ** کفمال **:кафмол кардан** ба ҳам сo идани ду чиз дар каф: **кафмол кардани ҷойҳои сахт чиркини либос дар вақти шустан**.

**КАФН** *а.* کفن *кит.* кафан пӯшондан ба мурда, амалиёти ба кафан печондани мурда; **кафн кардан** пӯшондани ҷасад бо кафан; **кафну дафн** пӯшонидани кафан ба мурда ва дафн кардани ӯ дар гӯр.

**КАФОЛАТ** *а.* کفالت кафил шудан ба касе; ба зимма гирифтани чизе ба ҷои касе, замонат.

**КАФОЛАТДИҲАНДА** کفالتدهنده он ки ба касе ё чизе кафолат медиҳад; бар ӯҳда гирандаи коре ё чизе.

**КАФОЛАТНОМА** کفالتنامه хати ка- филшавӣ, замонатнома.

**КАФОНДАН** کفاندن 1. *тарзи бавоситаи* **кафидан**; тарконидан, шикоф кардан; пора кардан, шикастан (*мас., ҳезумро*). 2. чок кардан; ◊ **кафондани маддаи дил** он чи гуфтанӣ аст, ҳамаро кушода гуфтан; дил холӣ кардан; **дили (заҳраи)** *касеро* **кафондан** касеро сахт тарсондан.

**КАФОНИДАН** کفانیدن *ниг.* **кафондан**.

**КАФ(Ф)ОРА(Т)** *а.* کفّارة // کفاره *д.* 1. ҳар амале, ки барои ҷуброни гуноҳе шариатан анҷом медиҳанд (*мас., додани садақа, гирифтани рӯза ва г.*); фидя. 2. натиҷаи ҳар амали нораво, ки шахс ба он дучор мегардад; *маҷ.* ҷуброн; **каффорат додан** садақа додан ё анҷом додани амале барои пок кардани гуноҳ.

**КАФСАН** کفسن *таър.* ҳаққе, ки ба ғайри андози подшоҳӣ дар сари хирман барои одамони амлокдор ё иҷорадор гирифта мешуд.

**КАФТАР** کفتر *гуфт., ниг.* **кабӯтар; кафтари дубома** а) кабӯтаре, ки дар ду бом лона мегузорад; б) *мач.* он ки ба ду чизи мухталиф дил баста бошад.

**КАФТАРБОЗ** کفترباز *гуфт.* он ки ба парваришу парвози кабӯтарон шавқу ҳавас дорад, дӯстдори кабӯтарон; кабӯтарбоз.

**КАФТАРБОЗӢ** کفتربازی амали кафтарбоз; бозӣ бо кабӯтар.

**КАФТАРХОНА** کفترخانه *ниг.* **кабӯтархона**.

**КАФТОР** کفتار *зоол.* ҳайвони ваҳшии лошахӯрест, ки ба саг монанд аст ва пӯсти дурушти хол-хол ва баъзе рах-рах дорад.

**КАФФА** کفّه *кит.* 1. паллаи тарозу. 2. сатҳи ҳамвор. 3. кафи даст.

**КАФЧА** کفچه белча: **кафчаи ҳалвогарон**.

**КАФШ** کفش 1. пойафзор. 2. навъи попӯши чармии ҷойдорист, ки бесоқ ва бебанд аст; **кафши булғор** кафше, ки аз чарми хуби хушбӯй дӯхта мешуд; **кафши олак** кафши бепошнаи нӯгтези шиппакмонанд; **кафши сарипоӣ** кафше, ки бе масҳӣ ба пои бараҳна мепӯшанд; ◊ **кафши** *касеро* **пеш мондан** ишора бар он ки соҳибхона баромада рафтани меҳмонро хоҳон аст; касеро рондан, пеш кардан аз ҷое; **кафшро монда, патакро пӯшидан** шитобкорона, саросемавор (рафтан ба ҷое ё гурехтан аз ҷое).

**КАФШБАРДОР** کفش‌بردار 1. *таър.* хизматгори хоси аъён ва соҳибмансабони Бухоро, ки дар рикоби онҳо пиёда ба ҳар ҷо мерафтааст. 2. *мач.* хизматгор.

**КАФШБАРДОРӢ** کفش‌برداری *мач.* хизматгорӣ.

**КАФШДӮЗ** کفش‌دوز устое, ки кафш медӯзад.

**КАФШДӮЗӢ** کفش‌دوزی касбу шуғли кафшдӯз.

**КАФШЕР** کفشیر гудохта ва ё ба роҳи дигар ба ҳам пайваст кардани филизот, *муқ.* **лаҳим**: **кафшер кардан; кафшери гап (сӯҳбат)** *кинoя аз* воситаи тафсондани сӯҳбат (*аз қабили* чойнӯшӣ).

**КАФШЕРГАР** کفشیرگر он ки касбу шуғли ӯ ба тариқи кафшер пайваст кардани филизот ва банд кардани шикоф дар филизот аст, кафшеркунанда.

**КАФШЕРГАРӢ** کفشیرگری амали кафшергар; ба воситаи кафшер пайваст кардан; кафшеркунӣ.

**КАФШЕРКАШ** کفشیرکش олате, ки бо он кафшер ва лаҳимкорӣ мекунанд.

**КАФШЕРКОРӢ** کفشیرکاری *ниг.* **кафшергарӣ**.

**КАФШЕРКУНӢ** کفشیرکنی ба ҳам пайванддиҳӣ ва бандкунии шикоф ва сӯрохи филизот бо роҳи кафшер ва ё бо навшодир ва қалъагӣ; лаҳимкорӣ.

**КАФШКАН** کفشکن даҳлез, ҷое, ки кафшро бароварда, сипас дохили хона мешаванд.

**КАҲ** که *мухаффафи* **коҳ**.

**КАҲГИЛ** کهگیل *ниг.* **коҳгил**.

**КАҲДАРЗА** کهدرزه дарзаи коҳ, банди коҳ, ки махсус аз алафзорҳо даравида барои кашондан ва нигоҳ доштан тайёр карда шудааст.

**КАҲДОН** کهدان *ниг.* **коҳдон**.

**КАҲДУД** کهدود *ниг.* **коҳдуд**.

**КАҲИЛ** *а.* کهیل сурма кашидашуда.

**КАҲИР** کهیر *кит., тиб.* крапвиница.

**КАҲКАШОН** کهکشان *нуҷ.* маҷмӯи ситораҳои беҳисоб, ки гирди як меҳвари умумӣ давр мезананд; Роҳи Каҳкашон.

**КАҲЛ** *а.* کهل марди миёнасол (*байни сӣ ва панҷоҳ*).

**КАҲЛА** کهله резаҳои зар, нуқра, қурғошим *ва г.*, ки дар натиҷаи соидан ё арра кардан ба вуҷуд меоянд.

**КАҲМАЙДА** کهمیده *ниг.* **коҳмайда**.

**КАҲРАБО** کهربا самғи ба санг мубаддалшудаи шаффоф ва нимшаффофи асосан зардранг, ки ба чарм суда ба коҳ наздик оранд, онро ба тарафи худ мекашад.

**КАҲРАБОӢ** کهربائی *ниг.* **каҳраборанг**.

**КАҲРАБОРАНГ** کهربارنگ ранги зардча, зардранг.

**КАҲРЕЗА** کهریزه *ниг.* **коҳреза**.

**КАҲТОБ** *кит.* کهتاب 1. дуде, ки аз оташ додани коҳ ҳосил мешавад. 2. ҷӯшондаи гиёҳӣ барои таскини дард ва варамидагӣ (*дар ҷои дардманд мебастанд*).

**КАҲТӮДА** کهتوده тӯдаи коҳ.

**КАҲХОНА** کهخانه анбори махсус барои нигоҳ доштани коҳ, хошок *ва г.*, каҳдон.

**КАЧА** کچه *кит., кҳн.* ангуштарини бенигин.

**КАЧАБОЗӢ** کچه‌بازی *ниг.* **гачабозӣ**.

**КАЧАЛ I** کچل кал, тоссар, кадусар.

**КАЧАЛ II** کچل качпо, шахси пояш кач; **качал-качал қадам ниҳодан** ба монанди качпоҳо лангида роҳ рафтан.

**КАЧАЛИДАН** کچلیدن лангидан, лангида роҳ рафтан.

**КАЧАЛПО** کچلپا *гуфт.* пояш кач: **качалпо шудан**.

**КАЧКӮЛ** کچکول *ниг.* **кашкӯл**.

**КАҶ** کج хамдор, хамида; хам, уреб; *муқоб.* **рост: мехи каҷ, роҳи каҷ, хати каҷ, каҷ кардан, каҷ шудан; зулфи каҷ** зулфи тобдодаи бари рӯ; **каҷу килеб** роҳ ё чизи дигари пурпечу хам; **қадами каҷ гузоштан** *киноя аз* ба роҳи хато рафтан; **каҷ-каҷ нигоҳ кардан** бо назари ғайри хайрхоҳона нигаристан, бад-бад нигоҳ кардан.

**КАҶАБРӮ** کجابرو 1. он ки қошу абрӯвони хамида дорад. 2. *маҷ.* хӯшрӯй.

**КАҶАК** *т.* کجک 1. мӯе, ки занон барои ороиш аз пеши гӯш ба рухсора фуроварда нӯгашро каҷ мебуранд. 2. *кит.* чангчаи филбонон, ки бо вай фил меронанд. 3. чангаки қассобӣ, қуллоб. 4. *гуфт.* зонукулчаи филизӣ барои пайвастани кунҷи лӯлаҳои дудкаш.

**КАҶАЛА(К)** کجله//کجلک *гуфт.* каҷ.

**КАҶАНДЕШ** کجاندیش 1. шахсе, ки дар ҳаққи касе нодуруст фикр мекунад, бадгумон; бадфикр, хатоандеш. 2. *маҷ.* душман, хасм.

**КАҶБАҲС** کجبحث он ки дар баҳс ба дурустии фикри нодурусти худ исрор мекунад; он ки дар баҳсу мунозира моҳияти фикри мусоҳибро муғризона нодуруст маънидод мекунад.

**КАҶБАҲСӢ** کجبحثی каҷбаҳс будан, дар баҳс ба фикри нодурусти худ исрор кардан.

**КАҶБИН** کجبین 1. олус, аҳвал. 2. *маҷ.* он ки назари нодурусту ғаразнок дорад; бадхоҳ, бадандеш.

**КАҶБИНӢ** کجبینی 1. он ки бинии каҷ дорад. 2. *мансуб ба* **каҷбин;** нисбат ба касе фикри нодуруст доштан; бадхоҳӣ, бадандешӣ.

**КАҶГАРДАН** کج‌گردن он ки гарданаш бештар ба як тараф тоб мехӯрад. 2. *маҷ.* гадо, талбанда.

**КАҶДАСТ** کجدست 1. он ки дасташ каҷ аст. 2. *маҷ.* қалбдаст, дузд.

**КАҶДАСТӢ** کجدستی 1. каҷ будани даст. 2. *маҷ.* ҳаромкорӣ, қалбдастӣ.

**КАҶДАҲОН** کجدهان он ки даҳонаш каҷ аст.

**КАҶДИЛ** کجدل дилсиёҳ, ботинаш вайрон, бaддил; *муқоб.* **софдил**.

**КАҶДУМ** کجدم 1. он чи думаш каҷ аст. 2. *ниг.* **каждум**.

**КАҶӢ** کجی 1. каҷ будан 2. нор остӣ, хамидагӣ; **каҷии чашм** олусӣ; **каҷӣ кардан (намудан)** дурӯғ гуфтан; кори нораво анҷом додан.

**КАҶКОР** کج‌کار қаллоб; *муқоб.* **росткор**.

**КАҶКОРД** کج‌کارد корди хоси хамидашакл барои буридани шохаҳои дарахтон.

**КАҶКОРӢ** کج‌کاری *маҷ.* қаллобӣ; **каҷкорӣ кардан** қаллобӣ кардан.

**КАҶКУЛОҲ** کج‌کلاه 1. он ки кулоҳро якшоха мепӯшад; олуфта, худпардоз. 2. *маҷ.* мағрур, мутакаббир.

**КАҶКУНҶ(А)** کج‌کنجه **:секунҷаи каҷкунҷа** (*риёз.*).

**КАҶКӮЛ** کجکول *ниг.* **кашкӯл**.

**КАҶМАКАҶ** کج‌مکج каҷ андар каҷ, каҷу килеб: **каҷмакаҷи кӯтал**.

**КАҶНИҲОД** کج‌نهاد бадсиришт, бадниҳод, бадтинат.

**КАҶНӮГ** کج‌نوگ он чи охираш каҷ аст.

**КАЧОВА** كجاوه сабад ё қуттие, ки барои кашондани бор (*асосан мева*) бо як банд аз ду паҳлуи асп, хар ё шутур овезон карда мешавад.

**КАЧОВАДОР** كجاوه‌دار дорои кача҆ова, кача҆ова басташуда: **шутурҳои кача҆овадор**.

**КАЧОВАШИКАМ** كجاوه‌شكم он ки шикамаш калону овезон аст.

**КАЧПАҲЛУ** كج‌پهلو **:качпаҳлу задан** *гуфт.* ёнбош кардан, ба як паҳлу такя карда нишастан ё дароз кашидан.

**КАЧПО(Й)** كج‌پا(ى) кас ё чизи пояш кач, качалпо: **хирси качпо**.

**КАЧРАВ** كج‌رو 1. он ки бо роҳи рост намеравад, мунҳариф. 2. *мач.* бадраҳ, бадрафтор.

**КАЧРАВӢ** كج‌روى 1. баромадан аз роҳи рост, инҳироф. 2. *мач.* бадрафторӣ, бадроҳагӣ.

**КАЧРАФТОР** كج‌رفتار *ниг.* **качрав**; **чархи качрафтор** *киноя аз* фалак, дунё.

**КАЧРАФТОРӢ** كج‌رفتارى *ниг.* **качравӣ**.

**КАЧТАБЪ** كج‌طبع он ки завқ ва тавоноии дарки зебоӣ ва атроф надорад; кундфаҳм, бефаҳм.

**КАЧУКИЛЕБ** كج‌وكليب ноҳамвор, норост.

**КАЧУКИЛЕБӢ** كج‌وكليبى ноҳамворӣ.

**КАЧФАҲМ** كج‌فهم он ки гапро нодуруст фаҳмида ба он маънои ғалат медиҳад; он ки матлаберо аз рӯи ғараз нодуруст мепиндорад.

**КАЧФАҲМӢ** كج‌فهمى качфаҳм будан; ғалат фаҳмидани матлабе, ғалатфаҳмӣ.

**КАЧФИКР** كج‌فكر он ки фикри ғалат дорад; дорои фикри нодуруст.

**КАЧФИКРӢ** كج‌فكرى андешаи нодуруст, фикри нодуруст.

**КАЧХАТА** كج‌خطه качраҳ, раҳаш кач, хати кач, хати мунҳанӣ.

**КАЧЧАШМ** كج‌چشم 1. олус. 2. *мач.* он ки ба чизу чораи касон бо чашми тамаъ нигоҳ мекунад.

**КАЧШОХ** كج‌شاخ ҳайвони шохаш кач.

**каш** كش 1. *асоси замони ҳозира* ва *сигаи амр аз* **кашидан**. 2. *ҷузъи пасини бархе аз калимаҳои мураккаб ба маъноҳои* баранда, ҳамлкунанда: **аробакаш, боркаш, донакаш**..., кашанда, таҳаммулкунанда: **балокаш, заҳматкаш, меҳнаткаш**, дудкунанда, кашанда: **сигоркаш, носкаш**, тарсимкунанда: **расмкаш, лоиҳакаш, сураткаш, нақшакаш**, истеҳсолгар, тавлидкунанда, истихроҷкунанда: **равғанкаш**, ҳаракатдиҳанда, пайвасткунанда: **лашкаркаш, симкаш, лӯлакаш** *ва г.*

**КАШ I** كش оғӯш, бар, сина, бағал.

**КАШ II** كش *кит.* зебо, дилрабо; ба хушӣ, ба хуррамӣ.

**КАШ III** كش 1. навор ё тасмаи дорои риштаҳои нозуки резинӣ, ки баъд аз кашида шудан ба ҳолати пешина бармегардад: **каши ҷуроб**. 2. навъе аз порча ва матоъ, ки хусусияти кашандагӣ дошта, дар таркибаш наххҳои чандирӣ дорад.

**КАШАК** كشك 1. чӯби дарози хамдор, ки аз чангакҳои ду нӯгаш сатили пуроб ё бори дигареро овехта, ба дӯш бардошта мебаранд. 2. *гуфт.* ғалладони ҷевон.

**КАШАМ** كشم *нав.* ба миқдори як бор кашидан, як кашиданӣ (*оид ба* нос, тамоку).

**КАШАНДА** كشنده 1. *сифати феълии замони ҳозира* аз **кашидан**. 2. ҷазб ва ҷалбкунанда; **қувваи кашанда** қувваи ҷозиба. 3. истифодакунанда, истеъмолкунанда (*доир ба* нос, тамоку *ва г.*).

**КАШАНДАГӢ** كشندگى ҷолибӣ, ҷаззобият, ҷозиба.

**КАШАФ** كشف *кит.* сангпушт, локпушт.

**КАШБАР** كشبر *кит.* хушқаду қомат, зебо.

**КАШБОФӢ** كش‌بافى *ниг.* **кешбофӣ**.

**КАШБОФТ** كش‌بافت *ниг.* **кешбофт**.

**КАШИДА** كشيده 1. *феъли ҳол ва сифати феълии замони гузашта* аз **кашидан**. 2. чизе, ки онро баркашида бошанд. 3. дароз, баланд. 4. кори дастии сӯзандӯзӣ ё мошинӣ, ки нақшҳоро аввал ба рӯи матоъ кашида, баъд бо наххҳои рангоранг медӯзанд; матои гулдӯзӣ кардашуда; сӯзанӣ; **кашидаву кушода** сахт, бо зар-

би тамом, бо тамоми қувва (шаппотӣ задан *ва г.*); **кашида гирифтан** бо зӯрӣ рабудан.

**КАШИДАДӮЗ** کشیده‌دوز дӯзандаи кашида, сӯзанидӯз.

**КАШИДАДӮЗӢ** کشیده‌دوزی 1. амали ка- шидадӯз, гулдӯзӣ. 2. нақшу нигори бо сӯзан ба матоъ дӯхташуда.

**КУРАНД** کرند *ниг.* **куранг**.

**КУРАТОР** *лот.* کورتار 1. тарбиятгар, парастор; нозири коре; **куратори гурӯҳ** роҳбари гурӯҳи донишҷӯён дар мактаби олӣ. 2. донишҷӯи донишгоҳи тиббӣ, ки ҷараёни касалии беморони бистарии дармонгоҳиро назорат мекунад.

**КУРАШ** کورش *гуфт, ниг.* **гӯштин**.

**КУРАШАКЛ** کوره‌شکل *ниг.* **курамонанд**.

**КУРД** کرد яке аз халқҳои эронинажод, ки асосан дар Эрон, Ироқ, Туркия, Сурия ва дар Қафқозу Осиёи Миёна зиндагӣ мекунанд.

**КУРДӢ** کردی *мансуб ба* **курд**: **забони курдӣ**.

**КУРЕЗ** کریز *кит.* пар рехтан, тулак шудани парандагон.

**КУРЕЗӢ** کریزی *кит.* 1. мурғи паррехта, тулаккарда. 2. *маҷ.* пири фартути хамидақомат.

**КУРК I** کرک мокиёне, ки аз тухм монда моил ба тухм пахш кардан (*барои ҷӯҷа баровардан*) шудааст; **мурғи курк**.

**КУРК II** کرک *кит.* 1. пашми нарми бадани ҷонварони пашмдор. 2. *маҷ.* пари нозуки бадани парандагон. 3. *маҷ.* мӯйҳои навруста дар рӯи ҷавонон. 4. пашмаки маҳини болои баъзе меваҷот.

**КУРМАК** کرمک алафи бегонае, ки донааш аз арзан калонтари сиёҳранг аст ва дар шолизор мерӯяд; **аз давлати шолӣ курмак об мехӯрад** (*зарб.*).

**КУРМАКЧИНӢ** کرمک‌چینی тоза кардани биринҷ аз курмаке, ки ба он омехтааст.

**КУРОРТ** *олм.* کورارت мавзее, ки дар он муассисаҳои табобатӣ ва пешгирии бемориҳо ба воситаҳои табиӣ (*чашмаҳои оби шифобахш, обу ҳавои хос, гил ва г.*) сохта ва ба роҳ монда шудааст, истироҳатгоҳ, осоишгоҳ.

**КУРРА** کرّه бачаи хар, асп, шутур *ва г.*, ки ҳанӯз ба саворӣ нарасидааст, хутик, той, тойча.

**КУРС** *лот.* کورس номи баъзе муассисаҳои таълимӣ, ки барои ягон соҳаи маҳдуд мутахассис тайёр мекунад: **курси ронандагӣ, курси якмоҳаи такмили ихтисос**. 2. давраи таҳсили яксола дар мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус: **курси якум, курси охирин**. 3. тафсир ва баёни як фан ё давраи муайяни он: **курси мухтасари таърихи Тоҷикистон; курси адибони ҷавон** навъе аз анҷумани аҳли адаб, ки дар он асарҳои адибони ҷавон таҳлил ва муҳокима карда мешаванд.

**КУРСАНТ** *лот.* کورسنت 1. он ки дар курс (2) машғули таҳсил аст. 2. таълиму тарбиягирандаи омӯзишгоҳи ҳарбӣ.

**КУРСИВ** *лот.* کورسیو як навъи хат дар матбаа, ки шаклан ба хати дастӣ монанд буда, барои аз матни асосӣ ҷудо кардани порчае ё ягон калимаю ибора онро ба кор мебаранд.

**КУРСИНИШИН** کرسی‌نشین 1. он ки дар курсӣ нишастааст. 2. *маҷ.* он ки соҳиби маснад ё вазифаву мартаба аст, маснаднишин, соҳибмансаб.

**КУРСИЧА** کرسیچه чорпояи хурд барои нишаст.

**КУРСӢ** I کرسی 1. чорпояи аксаран пуштдор барои нишаст, нишастангоҳ. 2. тахт; маснад; **курсии фалак** *киноя аз* осмон.

**КУРСӢ** II کرسی *мансуб ба* **курс**; **кори курсӣ** супориш ба таҳсилкунандагони мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус, ки ҳамчун шакли санҷиши дониш дар хатми курс (2) тайёр мекунанд ё менависанд.

**КУРТА** کرته либоси яккабатаи таҳпӯшӣ, пироҳан; **куртаи гулӣ** куртаи гулдори сурхранги занона; **куртаи оҳарӣ** куртаи нав ва ҳанӯз ношуста; ◊ **тани ба курта // тани курта** таги як курта, фақат курта дар тан; **курта-курта гӯшт гирифтан // аз шодӣ ба курта нагунҷидан** хеле хурсанд будан, хеле болидан; фароҳманд шудан (*аз таърифу таҳсини касе ё аз расидан ба орзуе*); **як курта пештар даронидааст** (*нисбат ба касе гуфта мешавад, ки синнаш зиёдтар аст*).

**КУРТАВОР** کرته‌وار матои боби куртадӯзӣ; матоъ ба қадри як курта: **як куртавор**.

**КУРТАВОРӢ** کرته‌واری *ниг.* **куртавор**.

**КУРТАК** کرتک *гуфт., маҷ.* задан, зарба, шаллоқ; иллату миннат; **куртак хӯрдан // калтаку куртак хӯрдан** *киноя аз* шаттаву шаллоқ хӯрдан, таънаву маломат шунидан.

**КУРУЖ** کروژ *кит., ниг.* **куруз**.

**КУРУЗ** کروز *кит.* шодӣ, нишот, тарабу шодмонӣ.

**КУРТКА** *лот.* کورتکه нимтанаи болопӯши мардона.

**КУРУМ** کروم 1. *ҷ.* **карм**. 2. токзор.

**КУРУР** I کرور *кит.* панҷсад ҳазор, ним миллион

**КУРУР** II *а.* کرور *кит.* такрор, гузашти ҳар чизе.

**КУРӮҲ** *а.* کروه ченаки масофа, баробари сеяки фарсанг (*тахминан ду километр*).

**КУСТИБОФ** کستی‌باف *кит.* зуннорбоф.

**КУСТӢ//КУШТӢ** کستی//کشتی *таър.* зуннор, ресмоне, ки тарсоён ва бараҳманон бар камар мебастанд; камарбанди махсуси зардуштиён.

**КУСУФ** *а.* کسوف *нуҷ.* гирифтани Офтоб; **кусуфу хусуф** гирифтани Офтобу Моҳтоб.

**КУТАК** کتک задан (*бо чӯб, тозиёна ё даст*).

**КУТАЛ** I کتل аспи зинкардашудаи эҳтиётӣ, ки дар сафарҳо бо худ палтар карда мебаранд, аспи ядак.

**КУТАЛ** II کتل *ниг.* **кӯтал**.

**КУТВОЛ** کوتوال *ниг.* **кӯтвол**.

**КУТУБ** *а.* کتب *ҷ.* **китоб; хатми кутуб** *кҳн.* тамом кардани давраи таҳсил дар мадраса.

**КУТУБХОНА** کتبخانه *кит., ниг.* **китобхона**.

**КУФ** I کف *кит., ниг.* **бум**.

**КУФ** II كف **:куфу суф** дуохонӣ; **куфу суф кардан** дуо хонда дам андохтани азоимхонон; **куфу суф кунондан** дуо (азоим) хонондан.

**КУФР** *а.* كفر 1. *д.* аз таълимоти дини ислом дур рафтан, имон надоштан ба дини ислом, кофирӣ, бемазҳабӣ, бединӣ. 2. ношукр, носипосӣ, кӯрнамакӣ; *муқ.* **куфрон**.

**КУФРӢ** كفرى *д.* кофир, беимон, мункири Худо ва дин.

**КУФРОН** *а.* كفران носипосӣ, ношукрӣ; **куфрони неъмат** ношукрӣ кардан ба он чи ки дастрас аст, ба қадри неъмат нарасидан; носипосӣ ба лутфу карами касе.

**КУФФОР** *а.* كفّار *ҷ.* **кофир**.

**КУҲАН** كهن 1. *шакли дигари* **кӯҳна**; қадимӣ, қадим. 2. солхӯрда, пири рӯзгордида. 3. *маҷ.* кордида, таҷрибадор.

**КУҲАНБУНЁД** كهن‌بنياد қадим, таърихи қадим дошта.

**КУҲАНДИЗ** كهنديز *таър.* қалъаи қадим, арки кӯҳна.

**КУҲАНПАЙВАНД** كهن‌پيوند хоназод, до-рои аслу насаби қадимӣ.

**КУҲАНСОЛ** كهن‌سال солхӯрда, умрдида, пир.

**КУҲАНСОЛӢ** كهن‌سالى куҳансол будан, солхӯрдагӣ, пирӣ.

**КУҲАНСОХТ** كهن‌ساخت ба тарзу шакли кӯҳна биноёфта.

**КУҲУЛАТ** *а.* كهولت 1. *кит.* давраи мошу биринҷ шудани мӯ, миёнсолӣ. 2. давраи камолоти умр.

**КУҲУН** كهن *шакли дигари* **куҳан** 2.

**КУЧАН** كوچن гарданбанди мудаввари хару аспи корӣ, ки чун болиштак сари шонаи ҳайвонро аз яғир шудан муҳофизат мекунад.

**КУЧОЛА** كچاله *ниг.* **кучула**.

**КУЧУК** *т.* كچك *гуфт.* 1. *ниг.* **саг**. 2. *ниг.* **сагбача**.

**КУЧУКБАЧА** كچك‌بچه *ниг.* **сагбача**.

**КУЧУЛА** كچوله гиёҳест бисёр талх ва заҳрнок, ки дар Ҳиндустону Сарандеб мерӯяд, кучола.

**КУҶО** كجا *ҷонишини саволӣ* дар куҷо?, дар кадом ҷо?; ба кадом ҷо?; **аз куҷо**? аз кадом ҷо?; аз чӣ ҷое?; **ба куҷо**? ба кадом ҷо?, ба чӣ ҷое?; **ҳар куҷо** дар ҳар ҷо; **куҷо шуд**? ба кадом ҷой рафт?.

**КУҶОӢ** كجائى аз кадом ҷой, аҳли куҷо; **куҷо ҳастӣ?** аз куҷоӣ?

**куш** كش 1. *асоси замони ҳозира ва сигаи амр аз* **куштан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* кушанда: **одамкуш**, **говкуш**.

**КУШ** كش куштан, кушиш, қатл; **ҳукми куш** ҳукми суд (маҳкама) дар бораи ба қатл расонидани касе (*ҳамчун ҷазои олӣ*).

**КУШАНДА** كشنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **куштан**; он ки касеро куштааст, қотил. 2. *маҷ.* миёнраве, ки сухани ӯ барои шахси корафтода рад намешавад.

**КУШИШ** كشش *исми феълӣ аз* **куштан**; куштор, қатл; қитол; **аввал пурсиш, баъд кушиш** (*зарб.*).

**КУШИШГОҲ** كشش‌گاه 1. ҷои махсус барои иҷрои ҳукми куш. 2. *ниг.* **кушишхона**.

**КУШИШХОНА** كشش‌خانه ҷои куштани чорпо барои гӯшт, мазбаҳ, саллоххона.

**КУШКАНҶИР** كشكنجير *таър., ҳ.* манҷаниқ, тӯп.

**КУШО** كشا 1. *сигаи амр аз* **кушодан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* кушоянда: **дилкушо, мушкилкушо**.

**КУШОД** كشاد 1. *ниг.* **кушода** 2. 2. васеъ, фарох, паҳновар: **дили кушод**, **майдони кушод, остини кушод; кушоду равшан** ҳеҷ чизро пинҳон накарда, ошкорову возеҳ, бепарда; **мактуби кушод** нома барои дарҷ кардан дар рӯзномаю маҷалла, мактуб ба воситаи матбуот; **маҷлиси кушод** ҷаласае, ки вуруди хоҳишмандон ба он озод аст, ҷаласаи боз, ҷаласаи васеъ ва озод; **рӯи кушод** рӯи хандон ва ифодакунандаи самимияту лутф.

**КУШОДА** كشاده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **кушодан**. 2. во, боз, яла, нобаста; **як дари баста, сад дари кушода** (*зарб.*). 3. *ниг.* **кушод** 2. 4. соф, беғубор, беабр: **ҳавои кушода, осмони кушода; кушода шудан** а) во шу-

дан, боз шудан; б) фош шудан, ошкор гардидан: **бими кушода шудани сирри** *касе*; в) рафъ шудани осори андӯҳ ва гирифтагӣ; **кушода шудани гул** шукуфтани гул; **кушода шудани иштиҳо** пайдо шудани майл ба хӯрдан, хоҳони тановули таом шудан; **кушода шудани роҳи нафас** рафъ шудани гирифтагии нафас; **кушода шудани ҳаво** аз абру ғубор пок ва соф шудани ҳаво; **кашидаву кушода** бо зарб ва шиддати тамом (*задан бо кафи даст, тозиёна ва г.*); **кушода додан** а) ошкор кардан, фош сохтан, парда бардоштан аз рӯи сирре; б) фаҳмонда додан, шарҳ додан, маънидод кардан, тафсир додан; **кушода партофтан** фош сохтан, ошкор кардан; **кушода шудани бахт** рӯ овардани некӣ ва хушбахтӣ ба касе; **кушода шудани чашм** а) аз чизе бохабар шуда тағйир ёфтани ҷаҳонбинӣ ва шуури касе; б) таваллуд кардан, чашми касе равшан шудан; **кушода шудани чашми рӯз** *ниг.* **чашм (чашми рӯз кушода шудан)**; **дастархони кушода доштан** меҳмоннавоз будан; **рӯи кушода дидан аз** *касе* мавриди меҳрубонии касе қарор гирифтан, илтифот ва меҳрубонӣ дидан аз касе.

**КУШОДАГӮӢ** كشادگوئ ошкоро ва беибо сухан гуфтан.

**КУШОДАГӮЙ** كشاده‌گوی он ки суханро беибо ва ошкор мегӯяд.

**КУШОДАДАСТ** كشاده‌دست *киноя аз* соҳибэҳсон, сахӣ, ҷавонмард.

**КУШОДАДАСТӢ** كشاده‌دستی соҳибэҳсон будан, сахӣ будан, ҷавонмардӣ.

**КУШОДАДИЛ** كشاده‌دل хурсанд, хуррам, хушҳол.

**КУШОДАЗАБОН** كشاده‌زبان суханвар, фасеҳзабон; хушгап.

**КУШОДАН** كشادن 1. боз кардан, яла кардан; сарпӯши чизеро бардоштан; *муқоб.* **бастан** ва **пӯшидан**: **гиреҳро кушодан**, **дарро кушодан**, **қулфро кушодан**, **тугмаро кушодан**. 2. густурдан, паҳн кардан: **дастархонро кушодан, суфраро кушодан**. 3. раҳо кардан; ҷудо кардан, раҳо ёфтан: **арғамчинро кушодан, аспро кушодан**. 4. таъсис кардан: **мактаб кушодан; болу пар кушодан** а) ба парвоз даромадан; б) *киноя аз* ба пешрафти худ имкон пайдо кардан; **гап кушодан** сухан оғоз кардан (*дар бораи чизе*), гап сар кардан; **замин кушодан** замини нокорамро қобили кишт гардонидан; **замири дили хешро кушодан** рози дили худро гуфтан, ҳамаи он чиро, ки дар дил ниҳон аст, гуфта додан; **лаб (даҳон) кушодан** сухан сар кардан, гап задан; **маҷлисро кушодан** сар шудани маҷлисро эълон кардан, ҷаласаро ифтитоҳ кардан; **оташ кушодан** тирпаронӣ сар кардан (*бо аслиҳаҳои оташбор*); **оғӯш кушодан** дастҳоро аз ҳам кушодан (*барои дар бағал гирифтани касе аз рӯи меҳрубонӣ*); **роҳ кушодан** а) роҳи нав сохтан; б) роҳро боз кардан; **рӯза кушодан** ифтор кардан, баъди итмоми муддати рӯзагирӣ ба хӯроккӯрӣ сар кардан; **чашми** *касеро* **кушодан** *киноя аз* касеро огоҳ ва бохабар кардан, касеро аз ҳолати ғафлат бароварда ба ҳақиқати кор воқиф намудан.

**КУШОДАПЕШОНӢ** كشاده‌پیشانی *маҷ.* хушмуомила, хушзабон, пешоникушода.

**КУШОДАРӮ(Й)** (كشاده‌رو(ی 1. бечодар, бефаранҷӣ. 2. *маҷ.* хандонрӯй, дӯстрӯй, чеҳрааш кушода.

**КУШОДАТАБЪ** كشاده‌طبع хушҳол, чеҳрахандон.

**КУШОДАШАВАНДА** كشاده‌شونده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **кушода шудан**. 2. он чи боз мешавад; он чи мешукуфад. 3. он чи нав ба кор медарояд; таъсисёбанда.

**КУШОЁН(И)ДАН** كشایاندن//كشایانیدن *тарзи бавоситаи* **кушодан**; чизеро ба воситаи касе во кардан, кушодан.

**КУШОИШ** كشایش 1. *исми феълӣ аз* **кушодан**. 2. барор, омади кор; рафъ шудани банду баст ва мушкилот дар роҳи пешрафти коре, осон шудани мушкиле; **кушоиши кор** рӯ ба осонӣ овардани кори душворе, барор ва пешрафти кор; **дуои кушоиш** *д.* дуое, ки барои кушоиши кор мехонанд ё навишта медиҳанд.

**КУШОКУШӢ** كشاكشی куштори якдигар; қатлу куштори зиёд.

**КУШОН** كشان *феъли ҳол аз* куштан; дар ҳолати куштан.

**КУШОНДАН** كشاندن *тарзи бавоситаи* **куштан**;

ба касе фармуда қатл кунонидан (*касеро*).

**КУШТА** کشته 1. *сифати феълии замони гузаштаи* **куштан**. 2. ҷондоре, ки сари ӯро бурида ё ба тариқи дигар беҷон карда бошанд; мурда, майит; **кушта гаштан (шудан)** а) беҷон карда шудан, ба қатл расидан; б) хомӯш карда шудан (-и оташ, чароғ); **оҳаки кушта** оҳаки обрасида.

**КУШТАН** کشتن 1. мирондан, маҳв кардан, ба қатл расонидан; беҷон кардани ҷондоре (*мас., гов, гӯсфанд*); **худро ба куштан додан** дониста истода худро ба хатари марг андохтан. 2. хомӯш кардан (*оташро, чарогро*).

**КУШТАНГОҲ** کشتنگاه ҷой ва маҳали куштан, қатл кардан.

**КУШТАШУДА** کشته‌شده *сифати феълии замони гузашта аз* **кушта шудан**; мақтул, сар буридашуда.

**КУШТОР** کشتار кушиш, куштан; бисёр куштан, кушокушӣ.

**КУШУДАН** کشودن *ниг.* **кушодан**.

**КУШХОНА** کش‌خانه *лаҳҷ., ниг.* **кушишхона**.

**КУЯ** کویه шапалаки хурде, ки кирмаки он матоъҳои пашмиро хӯрда нобуд мекунад, девча (*муқ.* **митта**, ки орду ғалладонаро хӯрда нобуд мекунад); **куя задан** ба воситаи куя хӯрда шудан (-и порчаи пашмӣ ё гилем).

**КУЯЗАДА** کویه‌زده *сифати феълии замони гузашта аз* **куя задан**; куяхӯрда.

**КУЯХӮРДА** کویه‌خورده *ниг.* **куязада**.

**КӮ** کو *ниг.* **кӯй**.

**кӯб** کوب 1. *асоси замони ҳозира аз* **кӯбидан** ва **кӯфтан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* кӯбанда ва бо чизе кӯфташуда: **хирманкӯб, шоликуб, мехкӯб**…

**КӮБ** کوب зарбу лат, зарба: **лату кӯб.**

**КӮБА** کوبه 1. ҳар олати шабеҳи путк ё ҳовандаста барои кӯфта майда кардан, ҳамвор кардан, шибба кардан *ва г.* 2. олати оҳанини болғачамонанд, ки барои бо он кӯфтани дарвоза шинонда мешавад; **кӯбаи кафшдӯзон** болчағаи махсуси кафшдӯзон барои зада ҳамвор кардани чарм.

**КӮБАК** کوبک *ниг.* **кӯба**.

**КӮБАНДА** کوبنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **кӯбидан** *ва* **кӯфтан**; он ки чизеро мекӯбад (*мас., дарро*).

**КӮБИДА** کوبیده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **кӯбидан**. 2. орди ғаллаи бирёншуда.

**КӮБИДАН** کوبیدن 1. *ниг.* **кӯфтан**. 2. мех ё чизи дигарро зада ба ҷое фурӯ равондан.

**КӮБИН** کوبین *кит.* кӯба, болғаи чӯбини ҷомашӯӣ.

**КӮБИШ** کوبش *исми феълӣ аз* **кӯбидан**; кӯфтан; задан.

**КӮБКОРӢ** کوبکاری *ниг.* **бузкашӣ**.

**КӮДАК** کودک писар ё духтари хурдсол, тифл, бачаи хурдсол: **кӯдаки навзод, кӯдаки ширмак**.

**КӮДАКВОР** کودکوار мисли бачаи хурдсол, бача барин.

**КӮДАКДОР** کودکدار 1. соҳиби кӯдак; соҳиби фарзанд. 2. *гуфт.* серфарзанд, серкӯдак: **зани кӯдакдор**.

**КӮДАКИСТОН** کودکستان муассисаи тарбияи кӯдакони томактабӣ.

**КӮДАКӢ** کودکی 1. бачагӣ, хурдсолӣ, туфулият. 2. айёми бачагӣ, вақти хурдсолӣ. 3. *маҷ.* рафтори кӯдакона, кори бачагона; беандешагӣ.

**КӮДАКОНА** کودکانه 1. махсуси кӯдакон: **либоси кӯдакона, хандаи кӯдакона**. 2. *ниг.* **кӯдаквор**.

**КӮЖ** کوژ *ниг.* **кӯз**.

**КӮЖПУШТ** کوژپشت *ниг.* **кӯзапушт**.

**КӮЗ** کوز хамида, пуштхамида, кӯзпушт.

**КӮЗА** کوزه зарфи сафолин ё мисини дастадор ва гоҳо бедаста барои об ва моеоти дигар, сабӯ.

**КӮЗАГАР** کوزه‌گر кӯзасоз, кулол.

**КӮЗАГАРӢ** کوزه‌گری 1. касбу шуғли кӯзагар. 2. устохонаи сафолпазӣ.

**КӮЗАГУЛ** کوزه‌گل *бот.* савсани сафеди обӣ, нилуфари сафед.

**КӮЗАЧА** کوزه‌چه кӯзаи хурд.

**КӮЗ(А)ПУШТ** کوز(ه)پشت он ки пушташ хамида аст ё дар пушти шонааш ғуррӣ дорад, букрӣ.

**КӮЙ** کوی 1. маҳалла, гузар. 2. роҳи даруни шаҳр, кӯча; **кӯйи бад** а) роҳи бад; б) *киноя аз* кирдорҳои нописанд (*аз қабили* қиморбозӣ, нашъамандӣ *ва г.*), ки баъд аз одат кардани одам аз онҳо халос шуданаш душвор аст; **сари кӯй** дар сари роҳ; **дар кӯйи бад афтодан** ба роҳи бад даромадан, гирифтор шудан ба кирдору хислатҳои нописанд; **бекасу кӯй** бехешу табор ва бехонаю ҷой: **ятими бекасу кӯй**.

**КӮК** I کوک *кит.* гиёҳест хобовар, коҳу.

**КӮК** II کوک *кит., мус.* мувофиқ намудани овозҳо дар мусиқӣ, ҳамоҳангӣ; ҷӯр.

**КӮК** III کوک бахяи калон-калони муваққат, ки дӯзандагон бо даст дар рӯи либосҳо мезананд; дӯхти муваққатӣ; хомдӯз, хомдӯзӣ; **кӯк задан (кардан)** муваққатӣ бахя зада калон-калон дӯхтани ягон ҷои либос; **кӯки чашмони** *касе* **канда шудан** хеле интизорӣ кашидан, сахт чашм ба роҳ будани касе.

**КӮКНОР** کوکنار *бот.* гиёҳест, ки аз тухми он равған мекашанд, истеъмоли пӯсти ғӯзааш кайфовару хобовар буда, аз ширааи танаи он маводи мухаддир – чакида ва баргу пояашро ҷӯшонда тарёк ҳосил мекунанд; хашхош; **оби кӯкнор** обе, ки аз тар карда фушурдани пӯсти ғӯзаи кӯкнор ҳосил шуда, нашъамандон онро менӯшанд, инчунин дар тибби қадим давои сурфа маҳсуб мешудааст.

**КӮКНОРДОНА** کوکناردانه тухми донаи хашхош.

**КӮКНОРӢ** کوکناری он ки мӯътод ба хӯрдан, нӯшидан ва каппа кардани кӯкнор аст; нашъаманди кӯкнор.

**КӮКНОРХОНА** کوکنارخانه хонае, ки дар он кӯкнор ё маводи нашъаовари дигарро истеъмол мекунанд, ҷои истеъмол ва фурӯши кӯкнор.

**КӮКСУЛТОН** کوکسلطان *бот.* яке аз навъҳои олуи пешпазак, ки меваащ калони кулӯла, турштаъм ва рангаш бештар сабзи сурхча аст.

**КӮКЧА** کوکچه *бот.* навъе аз харбузаи ширини пӯсташ сабзи тӯрдор ва пӯчоқаш сахт.

**КӮЛ** *т.* کول ҷои ба миқдори зиёд ғун шуда истодани об, ҳавзи оби табиӣ, толоб; **кӯли обпарто (обгурез)** ҷои махсуси атрофаш маҳдуд барои ҷорӣ шуда ҷамъ омадани обҳои барзиёд, заҳкаш; **кӯл шудан** ба як ҷо ҷамъ шуда истодани об.

**КӮЛБОР** کولبار тӯрбае, ки ба он бореро андохта ба пушт мегиранд, борхалта, халтаи сафарӣ.

**КӮЛВОР** کولوار *ниг.* **кӯлбор**.

**КӮЛӢ** کولی чоҳи захира кардани ғалла дар дохили ҳуҷра.

**КӮЛМАК** کولمک оби начандон зиёд, ки дар ҷоҳои пасту нишеби роҳу заминҳо аз борон ё оби дигар ҷамъ мешавад; **кӯлмак шудан** ҷамъ шуда мондани об дар пастию нишебиҳо.

**КӮЛОБ** کولاب ҳавзаи оби табиӣ, толоб.

**КӮЛОБӢ** کولابی 1. *мансуб ба* **Кӯлоб** (шаҳр ва минтақа). 2. аҳл ва сокини Кӯлоб.

**КӮЛШИНОС** کولشناس он ки ба омӯзишу пажӯҳиши кӯлҳо машғул аст.

**КӮЛШИНОСӢ** کولشناسی илм дар бораи омӯхтани кӯлҳо, лимнология.

**КӮМА** کومه *лаҳҷ.* чизи дар як ҷо тӯбшуда, тӯда: **кӯмаи барф, кӯмаи харбуза**.

**КӮНДАЛАНГ** کوندهلنگ ба бари худ воқеъ шудани чизе дар сари роҳи чизи дигар, муқобили дарозии чизе бо бари худ истодани чизи дигар, арзӣ; **кӯндаланг гузоштан // кӯндаланг мондан** (*суоле* ё *масъалаеро*) ба таври қатъӣ мондани масъалае; ҷавоби қатъии «ҳа» ё «не» талабидан ба суоле.

**КӮПОЛ** کوپال *кҳн.* 1. гурз, гӯпол. 2. *маҷ.* қувват ва тавоноӣ.

**КӮПРУК** کوپروک *ниг.* **пул II**.

**КӮПРУКСОЗ** کوپروکساز *ниг.* **пулсоз**.

**КӮПРУКСОЗӢ** کوپروکسازی *ниг.* **пулсозӣ**.

**КӮР** کور 1. он ки чашмаш намебинад, нобино, аъмо; **кӯри модарзод** он ки аз модар нобино таваллуд шудааст; **кӯр кардан** а) нобино кардан; б) ба воситаи чизе молида ё тарошида

хатеро нест кардан; хати бутлон кашидан; **кӯр шудан** а) нобино гардидан; б) нохоно шудан (*оид ба* хат). 2. *маҷ.* нодон, бесавод, аз олам бехабар; **кӯр шуда** маҷбур гардида, ноилоҷ монда, хоҳу нохоҳ; **кӯр шавад**! ҷазояшро бинад!, бало ба пасаш!; **нону намакам кӯр кунад!** дар мавриди маломат ба каси намакношинос ва носипос гуфта мешавад; **кӯр асояшро як бор гум мекунад** (*зарб.*) одам ки як бор фиреб хӯрд, ҳушёр мешавад ва кӯшиш мекунад, ки минбаъд фиреб нахӯрад; **кӯр чӣ мехоҳад? – ду дидаи (чашми) бино** (*зарб.*) дар мавриде мегӯянд, ки чизе айни муддао, хоҳиши дил бошад.

**КӮРА** I کوره оташдони оҳангарону мисгарон, иншооти махсус барои хиштпазӣ *ва г.*; хумдон: **кӯраи дастӣ, кӯраи оҳангарӣ; кӯраи ангиштгарон** ҷои махсус барои чӯбро сӯзонда тайёр кардани ангишт; **кӯраи сихкабоб** оташдони махсус барои пухтани сихкабоб – гӯшти ба сих гузаронида; **дар кӯраи мубориза(ҳо) пухта шудан** *киноя аз* обутоб ёфтан, мустаҳкам шудан дар рафти мубориза.

**КӮРА** II کوره як тӯб шоҳӣ, ки ба дувоздаҳ куртаи занона мерасад; **кӯра-кӯра атлас** тӯб-тӯб атлас.

**КӮРАГАР** کوره‌گر 1. он ки бо оташдони оҳангарию мисгарӣ кор мекунад. 2. он ки чунин оташдонро месозад, устои кӯра.

**КӮРАГӢ** کوره‌گی *мансуб ба* **кӯра;** дар кӯра гудохта тайёршуда.

**КӮРАК** کورک ғӯзаи хоми нокушодаи пахта, ғӯзаи пунба, ки ҳанӯз нашукуфтааст; **кӯрак бастан** пайдо шудани ғӯзаҳо дар ниҳоли пахта.

**КӮРАКБАНДӢ** کورک‌بندی пайдо шудани ғӯза дар ниҳоли пахта.

**КӮРАКҒУНДОР** کورک‌غندار *ниг.* **кӯракчинак**.

**КӮРАКҒУНДОРӢ** کورک‌غنداری *ниг.* **кӯракчинӣ**.

**КӮРАКДОР** کورک‌دار **:ниҳоли кӯракдори пахта** ниҳоли кӯракбастаи пахта.

**КӮРАККАНӢ** کورک‌کنی *исми амал аз* **кӯрак кандан**; кандан ва ҷамъ кардани кӯракҳо барои минбаъд кашида гирифтани пахтаашон, кӯракчинӣ, кӯракғундорӣ.

**КӮРАККАШАК** کورک‌کشک *тех.* мошини махсус, ки пағаҳои кӯракҳои боқимондаи ниҳоли пахтаро кашида мегирад.

**КӮРАККАШӢ** کورک‌کشی *исми амал аз* **кӯрак кашидан**; баровардани пахта аз даруни ғӯза, ки дар вақташ кушода нашудааст: **кӯраккашӣ кардан**.

**КӮРАКЧИНАК** کورک‌چینک *тех.* мошини махсусе, ки кӯракҳои боқимондаи ниҳоли пахтаро чида (канда) мегирад.

**КӮРАККЧИНӢ** کورک‌چینی *исми амал* аз **кӯрак чидан**; чидани кӯракҳои хом ва нимхоми ниҳоли пахта.

**КӮРАХОНА** کوره‌خانه ҷои (хонаи) оташдонҳои маъдангудозӣ.

**КӮРБАРЗАНГӢ** کوربرزنگی *фолк.* кампири бадкор дар афсонаҳо, ки некӣ кардан намехоҳад.

**КӮРБАХТ** کوربخت *ниг.* **бадбахт**.

**КӮРГИРЕҲ** کورگره гиреҳи болоиҳамбаста, ки кушодани он душвор аст; **кӯргиреҳ кардан** печдарпеч ба ҳам бастани ду нӯги ресмон, ки кушоданаш хеле душвор мебошад.

**КӮРДИЛ** کوردل каҷдил, каҷфаҳм; бадтинат. 2. ҷоҳил, нодон, бефаросат.

**КӮРДУД** کوردود оташе, ки бе шӯъла дуд карда месӯзад; **хона кӯрдуд шудан** пур аз дуд шудани хона (*бинобар дарунсӯз шудани оташи бухорӣ*).

**КӮРӢ** کوری нобиноӣ, гум шудани қувваи босира; **ба кӯрии** *касе* бар хилофи майли касе, ба қасди касе.

**КӮРКАШ** کورکش *ниг.* **асокаш**.

**КӮР-КӮРОНА** کورکورانه бе мулоҳиза, чӣ шудани оқибатро наандешида, насанҷида: **кӯр-кӯрона бовар кардан** насанҷида, бечуну чаро бовар кардан ба касе; **кӯр-кӯрона тақлид кардан** фикр накарда (бе мулоҳиза) тақлид кардан.

**КӮРМАҲТОБ** کورمهتاب аз байни абр хира тобидани моҳ, партави хираи моҳ; **шаби кӯрмаҳтоб** шабе, ки моҳтоб хира метобад.

**КӮРМОР** کورمار *зоол.* яке аз намудҳои мори

безаҳр, ки дар тибби халқӣ истифода меба-ранд.

**КӮРМУШ** کورموش *зоол.* як намуди муш, ки зери замин зиндагӣ мекунад ва чашмонаш рӯшноиро намебинанд.

**КӮРНАМАК** کورنمک *маҷ.* он ки дар ивази не-кии касе бадӣ мекунад, ҳақношинос, носи-пос.

**КӮРНАМАКӢ** کورنمکی ҳақношиносӣ, носипо-сӣ; **кӯрнамакӣ кардан** ба қадри некии касе нарасидан, ҳақношиносӣ кардан.

**КӮРОБ** کورآب *кҳн.* 1. ташнае, ки аз об сер на-шудааст. 2. сароб.

**КӮРПА** کورپه бистари пахтадори лагандашуда барои хобидан, лиҳоф; **кӯрпа шуда хобидан** қабати ғафс шуда хобидани чизе; бисёр бу-дани чизе; **ба кӯрпа нигоҳ карда пой дароз кардан** (*мақ.*) дар иҷрои корҳо имконият ва шароитро ба ҳисоб гирифтан; **барф кӯрпаи замин аст** (*мақ.*) барф барои гарм нигоҳ дош-тани замини кишт мисли кӯрпа барои инсон зарур аст.

**КӮРПАВОР(Ӣ)** کورپه‌وار(ی) миқдори матоъ ба-рои дӯхтани як кӯрпа.

**КӮРПАДӮЗ** کورپه‌دوز зане, ки ҳунари кӯрпадӯзӣ дорад, дӯзандаи кӯрпа.

**КӮРПАДӮЗӢ** کورپه‌دوزی *исми амал аз* **кӯрпа дӯхтан**, дӯхтани кӯрпа.

**КӮРПАДӮЗОН** کورپه‌دوزان маросими дӯхтани кӯрпаи арӯс пеш аз тӯй; *муқ.* **пахтарезон**.

**КӮРПАТАК** کورپتک *зоол.* як навъ парандаи бешагӣ.

**КӮРПАЧА** کورپچه кӯрпаи камбар барои ни-шастан ё хобидан; **кӯрпачаи якандоз** кӯрпа-чае, ки дар гирдогирди хонаи нишаст як қабат андохта менишинанд; **кӯрпача барин ҷой** *кинoя аз* андак ҷой; як кӯрпавор ҷой.

**КӮРПАЧАВОР** کورپچه‌وار 1. матоъ барои кӯр-пача. 2. ба андозаи як кӯрпача; як **кӯрпа-чавор ҷой** ҷой ба андозаи як кӯрпача; ҷои андак.

**КӮРПАШША** کورپشّه *зоол.* пашшаи зарди заҳр-дор, хомӯшак.

**КӮРПИСТОН** کورپستان модагове, ки сӯрохи як ё чанд сараки пистонаш баста буда, аз онҳо шир намеояд.

**КӮРРӮДА** کورروده *тиб.* як қисми кирмшакли рӯда.

**КӮРСАВОД** کورسواد чаласавод, камсавод

**КӮРСАВОДӢ** کورسوادی чаласаводӣ, камсаводӣ.

**КӮРХАРИД** کورخرید :**кӯрхарид кардан** моли хубро (босифатро) аз моли бесифат фарқ карда натавониста харидан.

**КӮРХАРИДОР** کورخریدار харидоре, ки чизҳои хубро аз бад фарқ карда наметавонад; он ки колои бадсифатро бо нархи гарон мехарад.

**КӮРШАБПАРАК** کورشبپرک *зоол.* ҷонварест болдор, ки бинобар заиф будани биноии чашмаш рӯзҳо хобида, шабона парвоз меку-над, хаффош, ватвот, шабпара.

**КӮС I** کوس 1. *кит.* табл, духул, нақораи калон. 2. зарба, лат, такон, садама.

**КӮС II** کوس уреб, каҷӣ ва норасоии калони ягон чиз (*мас., матоъ*).

**КӮСА** کوسه марде, ки ришаш набаромада мондааст ё фақат дар манаҳаш чанд тор мӯй дорад, марди беришу мӯйлаб; **то риш набарорӣ ба кӯса наханд** (*мақ.*) худро аз ди-гарон боло мадон, зеро ояндаатро намедонӣ.

**КӮСАК** کوسک *ниг.* **кӯрак**.

**КӮСАРИШ** کوسه ریش марде, ки мӯи ришаш кам аст, камриш.

**КӮСДОР** کوسدار 1. як канораш каҷ ва норасо (*оид ба* порча, замин, хона *ва г.*). 2. *маҷ.* ноқис, камбудидор.

**КӮСТ** کوست *кит., ниг.* **кӯс** I (1).

**КӮТАК** کوتک *ниг.* **кӯтакароба**.

**КӮТАКАРОБА** کوتک ارابه аробаи чорчарха, аробаи чархҳояш хурд.

**КӮТАЛ** کوتل 1. баландӣ, тепа. 2. гузаргоҳи кӯҳӣ, ағба; **кӯҳу кӯтал** кӯҳу ағбаҳо, кӯталу баландиҳо.

**КӮТАРА** کوتره харидуфурӯши яклухти ягон навъи мол, савдои яклухт; *муқ.* **чакана**; **кӯтара фурӯхтан, кӯтара харидан,** умда-

**фурӯхтан, кӯтара харидан,** умдафурӯшӣ.

**КӮТАРАБАЙЪ** کوتره‌بیع пудрат, кори нархаш яклухт, умумӣ, якҷоя кореро ба субут расонидан.

**КӮТАРАГИР** کوتره‌گیر он ки навъи молеро яклухт савдо карда мегирад.

**КӮТАРАСАВДО** کوتره‌سودا савдои яклухт, кӯтарафурӯшӣ, умдафурӯшӣ.

**КӮТАРАФУРӮШ** کوتره‌فروش он ки молашро яклухту якҷоя мефурӯшад, умдафурӯш, *муқоб.* **чаканафурӯш**.

**КӮТАРАФУРӮШӢ** کوتره‌فروشی харидуфурӯши якҷояи ҳамаи мол; *мансуб ба* савдои яклухт: **нархи кӯтарафурӯшӣ**.

**КӮТАҲ** کوته *ниг.* **кӯтоҳ**.

**КӮТАҲБИН** کوته‌بین *ниг.* **кӯтоҳбин**.

**КӮТАҲДАСТ** کوته‌دست *ниг.* **кӯтоҳдаст**.

**КӮТАҲДАСТӢ** کوته‌دستی *ниг.* **кӯтоҳдастӣ**.

**КӮТАҲӢ** کوتهی *ниг.* **кӯтоҳӣ**.

**КӮТВОЛ** *ҳ.* کوتوال 1. *кҳн.* қалъабон, дижбон, маъмури муҳофизати қалъа. 2. *таър.* миршаб, раиси нозирони тартибот дар Бухорои амирӣ.

**КӮТОҲ** کوتاه 1. дарозиаш кам, калта; *муқоб.* **дароз**; **дар муддати кӯтоҳ** дар муддати на чандон зиёд, дар андак вақт. 2. мухтасар, ғайримуфассал: **маълумоти кӯтоҳ**, **суханронии кӯтоҳ**; **кӯтоҳ-кӯтоҳ** а) хеле мухтасар, ниҳоят ихтисоран: **ҷавобҳои кӯтоҳ-кӯтоҳ додан;** б) бурида-бурида, канда: **кӯтоҳ-кӯтоҳ нафас кашидан; кӯтоҳаш ҳамин ки**..., **қисса кӯтоҳ...,** хуллас ин ки..., хулосаи гап ин ки...; **ақли кӯтоҳ** *киноя аз* ақли норасо, ақли дурноандеш; **дасти кӯтоҳ** *киноя аз* кӯтоҳдастӣ, оҷизӣ, нотавонӣ; **кӯтоҳ кардан** а) дарозии чизеро кам кардан, калта кардан; б) буридан, қатъ кардан; в) ихтисор кардан; кашол надодан**: кӯтоҳ карда гуфтан; кӯтоҳ омадан** ба қади касе ё чизе баробар наомадан; **кӯтоҳ шудан** *тарзи мафъулии* **кӯтоҳ кардан; ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд** (*зарб.*).

**КӮТОҲАК** کوتاهک мухтасаран, ба таври ихтисор.

**КӮТОҲАКАК** کوتاهکک хеле кӯтоҳ, хеле мухтасар.

**КӮТОҲАҚЛ** کوتاه‌عقل камақл, бемулоҳиза.

**КӮТОҲАҚЛӢ** کوتاه‌عقلی камақлӣ, бемулоҳизагӣ.

**КӮТОҲАНГУШТ** کوتاه‌انگشت он ки ягон ангушташ кӯтоҳ ё бурида аст.

**КӮТОҲАНДЕШ** کوتاه‌اندیش он ки оқибати корро мулоҳиза намекунад, бемулоҳиза, кӯтоҳназар, кӯтоҳбин; *муқоб.* **дурандеш**.

**КӮТОҲАНДЕШӢ** کوتاه‌اندیشی кӯтоҳандеш будан, бемулоҳизагӣ; **кӯтоҳандешӣ кардан** бемулоҳиза кор кардан.

**КӮТОҲБАЁНӢ** کوتاه‌بیانی мухтасарбаёнӣ, бо сухани кӯтоҳ ифода кардани фикри том, мӯҷазбаёнӣ.

**КӮТОҲБИН** کوتاه‌بین *ниг.* **кӯтоҳандеш**.

**КӮТОҲБИНӢ** کوتاه‌بینی *ниг.* **кӯтоҳандешӣ**.

**КӮТОҲБИНОНА** کوتاه‌بینانه бемулоҳиза, ноандешида, кӯтоҳназарона.

**КӮТОҲГАРДАН** کوتاه‌گردن *ниг.* **гарданкӯтоҳ**.

**КӮТОҲДАСТ** کوتاه‌دست *маҷ.* нотавон, оҷиз, дасткӯтоҳ; *муқоб.* **дароздаст**.

**КӮТОҲДАСТӢ** کوتاه‌دستی нотавонӣ дар иҷрои коре, оҷизӣ, дасткӯтоҳӣ.

**КӮТОҲДОМАН** کوتاه‌دامن либосе, ки доманаш кӯтоҳ аст.

**КӮТОҲЗАБОН** کوتاه‌زبان *ниг.* **забонкӯтоҳ**.

**КӮТОҲӢ** کوتاهی 1. кӯтоҳ будан, калтагӣ, дарозиаш кам будан. 2. кӯтоҳмуддатӣ, кам будани муддати чизе. 3. *маҷ.* камбудӣ, нуқсон, айби андак. 4. *маҷ.* оҷизӣ, нотавонӣ; **кӯтоҳӣ кардан** а) дарозиаш кам будан, калтагӣ кардан, расо набудан; б) *маҷ.* камбудӣ кардандар коре; в) *маҷ.* оҷизӣ кашидан дар коре; **даст кӯтоҳӣ кардан** зӯр нарасидан, ҷуръат карда натавонистан.

**КӮТОҲҚАД** کوتاه‌قد қадпаст, кӯтоҳқомат; *муқоб.* **қадбаланд**.

**КӮТОҲҚОМАТ** کوتاه‌قامت *ниг.* **кӯтоҳқад**.

**КӮТОҲМАВҶ** کوتاه‌موج дастгоҳе, ки дар мавҷҳои кӯтоҳи радио кор мекунад.

**КӮТОҲМЕТРАЖ** کوتاه‌متراژ филме, ки дарозии навораш назар ба филмҳои маъмулӣ камтар аст.

**КӮТОҲМИЖГОН** کوتاه‌مژگان чашмони мижаҳояш кӯтоҳ, мӯи милки чашм, ки дароз нест.

**КӮТОҲМИЛ** کوتاه‌میل силоҳи оташ-фишони милҳояш кӯтоҳ: **туфанги кӯтоҳмил**.

**КӮТОҲМУДДАТ** کوتاه‌مدّت муддаташ кӯтоҳ, мӯҳлаташ кӯтоҳ; *муқоб.* **дарозмуддат**: **таҳсили кӯтоҳмуддат**.

**КӮТОҲМӮҲЛАТ** کوتاه‌مهلت *ниг.* **кӯтоҳмуддат**.

**КӮТОҲНАЗАР** کوتاه‌نظر маҳдудфикр, ҷаҳонбиниаш танг, кӯтоҳбин; *муқоб.* **дурбин**.

**КӮТОҲНАЗАРӢ** کوتاه‌نظری маҳдуд будани тафаккур, кӯтоҳбинӣ.

**КӮТОҲНАЗАРОНА** کوتاه‌نظرانه бо тафаккури маҳдуд, кӯтоҳбинона, амиқ фикр накарда.

**КӮТОҲОСТИН** کوتاه‌آستین *ниг.* **остинкӯтоҳ**.

**КӮТОҲПАШМ** کوتاه‌پشم пашмаш кӯтоҳ: **гӯсфандони кӯтоҳпашм**.

**КӮТОҲПОЙ** کوتاه‌پای пойҳояш кӯтоҳ.

**КӮТОҲПОЯ** کوتاه‌پایه пояаш кӯтоҳ: **гандуми кӯтоҳпоя**.

**КӮТОҲУМР** کوتاه‌عمر камумр, умри дароз надошта, он ки ба пирӣ нарасида вафот мекунад.

**КӮТОҲУМРӢ** کوتاه‌عمری камумрӣ, умри дароз надоштан.

**КӮФӢ** کوفی 1. *мансуб ба* **Кӯфа** (шаҳр дар Байнаннаҳрайн). 2. қадимтарин навъи хати арабӣ: **хати кӯфӣ**.

**кӯфт** کوفت 1. *асоси замони гузашта* аз **кӯфтан**. 2. хастагӣ аз иҷрои коре, мондагӣ: **кӯфти кор, кӯфти роҳ**.

**КӮФТА** کوفته *сифати феълии замони гузашта аз* **кӯфтан**. 1. кӯбидашуда; реза кардашуда: **хасу хошоки кӯфта**. 2. *хӯр.* навъи кабоб аз гӯшти қима (кӯбида) бирёнкардашуда. 3. *хӯр.* ҳалвое аз талқони мағзҳо. 4. *маҷ.* мондашуда, хастагӣ; **кӯфта шудан** а) зада шудан, мавриди зарбу лат қарор гирифтан, калтаккорӣ карда шудан, шаллоқ хӯрдан; б) тақ-тақ шудан, кӯбида (зада) шудан (-и дар); в) майда (реза) ва нарм карда шудан (*мас.*, *гӯшт ё галлаеро*); г) *маҷ.* монда (хаста) шудан, шалпар шудан.

**КӮФТАГӢ** کوفتگی *шакли дигари сифати феълии замони гузашта* аз **кӯфтан**; шалпарӣ, мондагӣ; **кӯфтагии роҳ** мондашавӣ дар натиҷаи роҳравии зиёд.

**КӮФТАКАБОБ** کوفته‌کباب *хӯр.* навъи кабоб аз гӯшти қима.

**КӮФТАКОРӢ** کوفته‌کاری *тех.* кӯфта васеъ ё ба шакл даровардан.

**КӮФТАН** کوفتن 1. задан, зарба расондан, лату кӯб кардан. 2. кӯбидан, майда, реза ва нарм кардан (-и гӯшт, мурч, намак *ва г.*) зада ё кӯп карда аз сараку хӯшаҳо ҷудо кардани ҳосили гандум, ҷав, ҷуворӣ *ва г.*: **хирман кӯфтан**. 3. *киноя аз* сарзаниш кардан; танбеҳ додан; танқид кардан; **каф кӯфтан** чапак (қарсак) задан, каф задан; **мех кӯбидан** мехро зада ба ҷое даровардан; **мушт кӯфтан** бо мушт задан, мушткӯбӣ кардан; **по(й) кӯфтан** пои худро (ба замин) тап-тап задан; **сари** *касеро* **кӯфтан, ба сари** *касе* **кӯфтан** а) ба сари касе задан; б) *маҷ.* касеро саркӯб кардан, танбеҳи касеро додан; **табл кӯфтан** табл навохтан, нақора задан; **хирман кӯфтан** ғалларо кӯп карда аз появу пӯсташ ҷудо кардан; **кори ҳар ҳар нест хирман кӯфтан** (*зарб.*).

**КӮФТАНӢ** کوفتنی *сифати феълии замони оянда аз* **кӯфтан**; **кӯфтанӣ шудан** қасди кӯфтан кардан, нияти задан кардан.

**КӮФТАШУДА** کوفته‌شده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **кӯфта шудан**. 2. *маҷ.* мондашуда, шалпаршуда.

**КӮФТУКӮБ** کوفت‌وکوب хирманкӯб.

**КӮФҶОН** کوفجان *кит.* қафас, ҷои нигоҳ доштани парандагон.

**КӮФШОНА** کوفشانه *кит.* бофанда.

**КӮҲ** کوه барҷастагии табиии бузургу баланд дар рӯи замин, ки аз сангу хок ба вуҷуд омадааст, ҷабал; **кӯҳ-кӯҳ** ғарам-ғарам; бисёр, аз ҳад зиёд; **кӯҳи оташфишон** *ниг.* **вулқон; кӯҳи пахта** *киноя аз* ғарами калони пахта; **кӯҳро зада талқон кардан** *маҷ.* кори вазнинеро ба ҷо овардан; анҷом додани коре, ки иҷрояш

ба назар номумкин менамуд; **кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад** (*зарб.*).

**КӮҲА** کوهه 1. пушта, теппа, баромадагӣ, дунгӣ, баландӣ. 2. қулла, сари кӯҳ. 3. *ниг.* **кӯҳон**. 4. *кит.* мавҷи азими об.

**КӮҲАГИРИФТА** کوهه‌گرفته роҳи кӯҳ пешгирифта, кӯҳу биёбонгард; *киноя аз* девона, маҷнун.

**КӮҲБАРО** کوه‌برا ба болои кӯҳ бароянда; кӯҳнавард; **аспи кӯҳбаро** аспи боқуввати кӯҳгард.

**КӮҲБАРОӢ** کوه‌برائی ба болои кӯҳ баромадан; кӯҳнавардӣ.

**КӮҲБОН** کوه‌بان нозири равуо дар кӯҳ, он ки назорати кӯҳро ба ӯҳда дорад.

**КӮҲБОНӢ** کوه‌بانی назорат кардани тартибот дар кӯҳ.

**КӮҲБУД I** کهبد 1. кӯҳнишин. 2. гӯшанишин. 3. *киноя аз* обид, зоҳид, порсо.

**КӮҲБУД II** کهبد *кҳн.* хазинадори подшоҳ; ҷамъкунандаи андоз.

**КӮҲВОР** کوه‌وار 1. мисли кӯҳ, чун кӯҳ. 2. бузургӣ, баланд: **мавҷи кӯҳвори баҳр**.

**КӮҲГАРД** کوه‌گرد *ниг.* **кӯҳнавард**.

**КӮҲГАРДӢ** کوه‌گردی *ниг.* **кӯҳнавардӣ**.

**КӮҲДОМАН** کوه‌دامن домани кӯҳ, кӯҳпоя.

**КӮҲИСТОН** کوهستان 1. замине, ки дар он кӯҳ бисёр аст, ҷои зиёдии кӯҳ, кӯҳсор. 2. ноҳияи кӯҳии ин ё он кишвар (*мас., Тоҷикистони марказӣ, ки таърихан саргаҳи Зарафшон, Қаротегину Дарвоз ва Ҳисор ба он дохил мешаванд*).

**КӮҲИСТОНӢ** کوهستانی 1. он ки дар кӯҳсор зиндагӣ мекунад; он ки зодгоҳаш дар кӯҳсор воқеъ гардидааст. 2. аҳли кӯҳистон

**КӮҲӢ** کوهی 1. *мансуб ба* **кӯҳ**: ҷабалӣ. 2. он чӣ дар кӯҳсор мерӯяд ё зиндагӣ мекунад: **гиёҳи кӯҳӣ, лолаи кӯҳӣ, бузи кӯҳӣ** бузи ёбоӣ, ки дар кӯҳу даштҳо зиндагӣ мекунад.

**КӮҲКАН** کوه‌کن 1. коргаре, ки аз кон маъдан меканад; он ки кӯҳро канда шикоф мекунад. 2. лақаби Фарҳоди афсонавӣ, ки бо хоҳиши маъшуқааш Ширин кӯҳро канда, ҷӯй баровварда буд.

**КӮҲКАНӢ** کوه‌کنی кандани кӯҳ ва истихроҷи маъданҳо: **техникаи навтарини кӯҳканӣ**.

**КӮҲЛ** *а.* کحل *кит.* сурма.

**КӮҲЛДОН** کحلدان *кит.* сурмадон.

**КӮҲЛӢ** کحلی *кит.* 1. *мансуб ба* **кӯҳл**. 2. сурмаранг, сиёҳтоб.

**КӮҲНА** کهنه 1. чизи бисёр умрдида; чизи бисёр кор фармудашуда; фарсуда; *муқоб.* **нав**, **тоза**: **кӯҳна кардан, кӯҳна шудан**. 2. қадим, пешина, дерина. 3. қадима, пештара. 4. куҳансол, солхӯрда, кордида; **дарди кӯҳна** бемории муддати зиёд давомкарда ва бедаво, касалии музмин; **мусалласи кӯҳна** мусалласи бисёристода (бисёрсола); **урфу одатҳои кӯҳна** одату русуми аз замони гузашта боқимонда.

**КӮҲНААҚИДА** کهنه‌عقیده *ниг.* **кӯҳнапараст**.

**КӮҲНАВАРД** که‌نورد варзишгаре, ки бо кӯҳнавардӣ машғул аст, кӯҳпаймо, кӯҳгард.

**КӮҲНАВАРДӢ** کوه‌نوردی навъи варзиш, ки иштирокдорони он аз рӯи гузаштан аз кӯталу ағбаҳои мушкилгузар, баромадан ба кӯҳҳои рост ва қуллаҳои баланд мусобиқа мекунанд, кӯҳгардӣ; кӯҳбароӣ.

**КӮҲНАГӢ** کوهنگی кӯҳна будан.

**КӮҲНАДАМ** کهنه‌دم палави зиёд дамхӯрда: **оши кӯҳнадам**.

**КӮҲНАДУНЁ** کهنه‌دنیا *ниг.* **кӯҳнаҷаҳон**.

**КӮҲНАДӮЗ** کهنه‌دوز он ки пойафзорҳоро дарбеху пина мекунад, порадӯз, пинадӯз, ямоқгар.

**КӮҲНАДӮЗӢ** کهنه‌دوزی амали кӯҳнадӯз, порадӯзӣ, пинадӯзӣ.

**КӮҲНАКАСАЛ** کهنه‌کسل он ки бемориаш доимӣ шудааст ва илоҷи табобат надорад.

**КӮҲНАКЕШ** کهنه‌کیش он ки тибқи расму оини кӯҳна зиндагӣ мекунад.

**КӮҲНАКЕШӢ** کهنه‌کیشی парастиши расму оини кӯҳна.

**КӮҲНАКОЛА** کهنه‌کاله майда-чуйдаи фарсуда; либосҳои фарсудаи кӯҳна.

**КӮҲНАКОР** کهنه‌کار кордида, корозмуда, таҷрибанок.

**КӮҲНАЛИБОС** کوهنه‌لباس он ки либоси обшуста ва фарсуда пӯшида мегардад.

**КӮҲНАОБОД** کهنه‌آباد заминҳое, ки солҳои зиёд кишт карда мешаванд.

**КӮҲНАПАРАСТ** کهنه‌پرست он ки тарафдори расму одат ва ақидаҳои кӯҳна (қадимӣ) аст; он ки ба навигариҳо муқобил аст, муҳофизакор.

**КӮҲНАПАРАСТӢ** کهنه‌پرستی тарафдорӣ аз расму оини қадима; муқобилат ба ҷорӣ шудани навигариҳо, муҳофизакорӣ.

**КӮҲНАПАРАСТОНА** کوهنه‌پرستانه *мансуб ба* **кӯҳнапарастӣ**; муҳофизакорона: **ақидаҳои кӯҳнапарастона**.

**КӮҲНАПОРА** کهنه‌پاره либоси ҷӯлидаю дарида; ашёи фарсуда.

**КӮҲНАФУРӮШ** کوهنه فروش он ки ашёи кӯҳнаву пӯшокҳои нимдоштро харида мефурӯшад.

**КӮҲНАФУРӮШӢ** کوهنه‌فروشی фурӯши чизу чораҳои кӯҳна; бозор ё ҷои фурӯши чизҳои кӯҳна.

**КӮҲНАҶАҲОН** کهنه‌جهان *кит.* дунёи кӯҳна, дунёи қадим.

**КӮҲНАШАВӢ** کهنه‌شوی *исми амал аз* **кӯҳна шудан;** кӯҳна шудан, фарсуда шудан; корхӯрда шудан.

**КӮҲНАШУДА** کهنه‌شده *сифати феълии замони гузашта аз* **кӯҳна шудан**; фарсудаву жанда, аз кор баромада; аз мӯд баромада.

**КӮҲНИШИН** کوهنشین он ки дар кӯҳсор зиндагӣ мекунад; *муқ.* **кӯҳистонӣ**.

**КӮҲОН** کوهان барҷастагии пушти шутур; ҷои баромадагии сари шонаи наргов.

**КӮҲОНДОР** کوهاندار он чи кӯҳон дорад, он чи дар пушти худ баромадагӣ дорад.

**КӮҲПАЙКАР** کوه‌پیکر тануманд, қавиҳайкал, бузургҷусса.

**КӮҲПАЙМО** کوه‌پیما *ниг.* **кӯҳнавард**.

**КӮҲПАЙМОӢ** کوه‌پیمائی *ниг.* **кӯҳнавардӣ**.

**КӮҲПИЁЗ** کوه‌پیاز пиёзи кӯҳӣ, ки бисёр тунду талх аст, пиёзи ансул.

**КӮҲПОРА** کوه‌پاره 1. як қисми кӯҳ; қисме, ки аз кӯҳ ҷудо шудааст, харсанг. 2. *гуфт.* гӯшаи маскунии кӯҳистон.

**КӮҲПОЯ** کوه‌پایه доманаи кӯҳ; замини доманаи кӯҳ, адир, кӯҳдоман.

**КӮҲСОР** کوهسار ҷое, ки дар он кӯҳ зиёд аст, кӯҳистон.

**КӮҲТАН** کوهتن бузургҷусса, тануманд.

**КӮҲҶИГАР** کوه‌جگر *кинояаз* далер, шуҷоъ, диловар.

**КӮҲШИНОСӢ** کوه‌شناسی соҳае, ки ба омӯзиши кӯҳҳо машғул аст: **пажӯҳишгоҳи кӯҳшиносӣ**.

**КӮЧ** کوچ 1. аз ҷое ба ҷое ва аз сарзамине ба сарзамини дигар равона шудани шахси алоҳида ё гурӯҳе аз мардум, кӯчидан, ҳиҷрат. 2. асбобу анҷоми хона ва бору бунае, ки дар вақти дигар кардани ҷои истиқомат ҳамроҳи худ мебаранд: **кӯч бурдан**. 3. *гуфт.* хонавода, хонадон, тоифа; **кӯч-кӯч** *ниг.* **кӯчокӯч**; **кӯч бастан** бору бунаи худро барои нақли макон омода кардан; **кӯч кардан** бо бору бунаи худ аз ҷое рафтан, нақли макон кардан, кӯчидан.

**КӮЧА** کوچه 1. роҳи пиёда ва саворгарди дохили шаҳр ва деҳа. 2. маҳалла, гузари истиқомат ё сукунати муайян, ки қад-қади роҳе воқеъ шудааст; *ба тариқи истиора*: **дар кӯчаи мардонагӣ...**, **ба кӯчаи гадоӣ**, **расвоӣ... даромадан**, **дар кӯчаи олуфтагӣ... калон шудан; кӯчаи сарбаста** а) роҳе, ки пешаш бастааст ва баромадгоҳ надорад, бунбаст; б) *кинояаз* вазъияти ниҳоят сахт, ҳолати бисёр душвор; ноилоҷӣ; **ба кӯча баромадан** а) ба маҳалла (гузар) баромадан; аз хона берун баромадан; б) дар байни одамон зоҳир шудан; **ба кӯча партофтан** аз хона рондан ва аз ризқу рӯзӣ маҳрум кардан; **аз кӯчаи** *коре* **нагузаштан** аз коре асло хабар надоштан; аҳли коре набудан; **ба сад кӯча даромада баромадан** дар ҳама хусус фикр кардан, фикру хаёли зиёд кардан; **дар кӯча мондан** а) бехонаву ҷой шудан; б) бекасу кӯй шудан; бесоҳиб мондан; **кӯча ба кӯча гаштан** овораву саргардон шудан (*дар ҷустуҷӯи чизе*); **худро ба ҳар кӯча задан** дар ҷустуҷӯи чорае ниҳоят саргардон шудан.

**КӮЧАБОҒ** کوچه‌باغ кӯчае, ки аз байни боғот мегузарад; роҳи ду тарафаш сабзу дарахтзор; **кӯчабоғи ошиқон** боғе, ки дар он дилдодаҳо бо ҳам сӯҳбат мекунанд ва рози дил мегӯянд.

**КӮЧАБОҒӢ** کوچه‌باغی 1. *мансуб ба* **кӯчабоғ**. 2. *мус.* яккахоние, ки хонанда овозашро аз ҳад зиёд баланд кашол медиҳад.

**КӮЧАГАРД** کوچه‌گرد 1. аз кӯча гузаранда, роҳгузар. 2. он ки дар кӯчаҳо сарсариёна мегардад, сарсарӣ, ҳарзагард, оворагард. 3. *маҷ.* бероҳагард, фоҳиша.

**КӮЧАГАРДӢ** کوچه‌گردی 1. гардиш дар кӯчаву кӯй. 2. сарсаригардӣ, оворагардӣ, ҳарза-

гардӣ. 3. *маҷ.* бероҳагардӣ, фоҳишагӣ.

**КӮЧАГӢ** كوچگى *мансуб ба* **кӯча**; дар кӯча буда: **чароғҳои кӯчагӣ; гапи (сухани, алфози) кӯчагӣ** а) сухани беодобона ва қабеҳ; б) овозаи беасос; **шиноси кӯчагӣ** шиноси дур, шиноси салому алейк.

**КӮЧАК** كوچک хурд, майда.

**КӮЧАКДИЛ** كوچکدل *киноя аз* хушхулқ, хушмуомила.

**КӮЧАКДИЛӢ** كوچکدلى *киноя аз* хушхулқӣ, хушмуомилагӣ, некрафторӣ.

**КӮЧАН** كوچن абзоли ҳалқашакл, ки ба гардани аспи корӣ аз таги хамут мегузоранд.

**КӮЧАНВОР** كوچنوار мисли кӯчан, ҳалқа-шакл.

**КӮЧАНДА** كوچنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **кӯчидан**. 2. *маҷ.* равон, сайёр (*оид ба* рег, барф *ва г.*).

**КӮЧАПӮШӢ** كوچه‌پوشى либосе, ки вақти ба кӯчабароӣ, меҳмониравӣ *ва г.* мепӯшанд.

**КӮЧАТ** كوچت растанӣ ё ниҳоле, ки барои шинондан дар ҷои дигар дар шароити махсус сабзонида шудааст, парварда: **кӯчати гул, кӯчати карам, кӯчати райҳон; кӯчат кардан** растанӣ ё ниҳоли дар шароити махсус парварондашударо ба ҷои дигар шинондан.

**КӮЧАТШИНОНӢ** كوچت‌شنانى растанӣ ва ниҳолҳои парвардашавандаро ба ҷои дигар шинондан.

**КӮЧБАНДӢ** كوچبندى *исми амал аз* **кӯч бастан**: кӯч бастан аз ҷое ба ҷои дигар.

**КӮЧИДАН** كوچيدن 1. бо бору буна аз ҷое ба ҷои дигар рафтан (*барои истиқомат, маскан гирифтан*), нақли макон кардан, кӯч кардан; **кӯчидани рег** дар биёбон бо таъсири бод ҷо иваз кардани хомаҳои рег. 2. *гуфт.* канда шудан, аз ҷояш беҷо шудани чизе: **кӯчидани дарахт** бо таъсири бод аз реша ҳамроҳи замини он канда шуда афтодани дарахт; **тарма кӯчидан** дар кӯҳсор аз ҷояшон канда шуда ба поин фурӯравии барфҳои ҷамъшуда.

**КӮЧИДАНӢ** كوچيدنى *сифати феълии замони оянда аз* **кӯчидан**; **кӯчиданӣ шудан** дар нияти кӯчидан будан, рафтанӣ шудан бо кӯчи худ (*аз ҷое ба ҷое*).

**КӮЧИШ** كوچش *исми феълӣ аз* **кӯчидан**; кӯч, нақли макон, ҳиҷрат.

**КӮЧӢ** كوچى *ниг.* **кӯчманчӣ**.

**КӮЧКАШОНӢ** كوچ‌كشانى кашондани бору буна ва асбоби хона вақти кӯчидан.

**КӮЧМАНЧИГӢ** كوچمنچيگى бодиягардӣ, зиндагонии ғайримуқимӣ.

**КӮЧМАНЧӢ** كوچمنچى бодиягард, он ки дар ҷое муқим нест.

**КӮЧОКӮЧ** كوچاكوچ кӯчидани пай дар пай; тараддуди кӯчидан.

**КӮЧОН(И)ДА** كوچانده//كوچانيده *сифати феълии замони гузашта аз* **кӯчон(и)дан; кӯчон(и)да овардан** касеро ба ҷои иқомати дигар овардан.

**КӮЧОН(И)ДАН** كوچاندن//كوچانيدن *тарзи бавоситаи* **кӯчидан**; 1. касеро аз ҷое ба ҷое нақли макон додан, касеро бо бору бунааш ба ҷое бурдан (*барои истиқомат ё сукунат*). 2. чизеро аз ҷояш беҷо кардан ё аз ҷояш хезондан. 3. рӯбардор кардан, рӯнавис кардан.

**кӯш** كوش *асоси замони ҳозира ва сигаи амр аз* **кӯшидан;** кӯшиш кун, саъй кун.

**КӮШАНДА** كوشنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **кӯшидан**; он ки саъю кӯшиш дорад, кӯшо.

**КӮШИДАН** كوشيدن кӯшиш (ҷидду ҷаҳд, саъй) кардан, ғайрат намудан.

**КӮШИШ** كوشش саъй, ҷаҳд, ғайрат; ҳаракат барои иҷрои коре; **кӯшиш кардан (доштан)** барои иҷрои коре ҷидду ҷаҳд кардан, саъю ҷаҳд ба кор бурдан, кӯшиш ба харҷ додан.

**КӮШК** كوشک иморати бошукӯҳ, ки атрофаш боғ ё сабзазор бошад; қаср.

**КӮШО** كوشا *кит.* кӯшанда, саъйкунанда.

# Қ

**Қ** *ҳарфи понздаҳуми алифбои ҳозираи тоҷикӣ; дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ ҳарфи* қоф (ق)*; дар ҳисоби абҷад ба адади 100 баробар аст; ин ҳарф маъмулан дар ифодаи калимаҳои баргирифта аз забонҳои арабӣ, туркӣ ва юнонӣ истифода мешавад.*

**ҚАБ(Б)** *а.* قب *кит.* гиребон, гиребони пироҳан; **қаб даридан** гиребон даридан, гиребон чок кардан.

**ҚАБА** قبه *гуфт., ниг.* **қава**.

**ҚАБАҚ** *т.* قبق *кит.* 1. ҳадаф, нишона, нишон. 2. каду. 3. дарахти миёнхолӣ.

**ҚАБАС** *а.* قبس шуъла, пораи оташ; оташпора.

**ҚАБАТ** *т.* قبت 1. ҳар табақаи чизҳои болои ҳам ҷойгиршуда, табақа, қат: **чор қабат кӯрпача**, **се қабат ҷома**, **як қабат хок; як қабат пӯст (қабати бадан)** пардаи пӯсти бадан. 2. *нум.* даста, комплект: **як қабат куртаву лозимӣ, чор қабат кӯрпаву болишт**. 3. *гуфт.* табақа, ошёна (-и иморат); **аз қабати**… аз байни…, аз миёни…: **аз қабати абрҳо, аз қабати борони тир, аз қабати туман, аз қабати ангуштон; ба қабати**… а) ба даруни…: **ба қабати абр даромадани офтоб**; б) ба таги…, ба зери…: **ба қабати бистар даромадан, ба қабати замин даромадан**; **дар қабати**... дар миёни…, дар байни…, андаруни…: **дар қабати кӯрпа, дар қабати китобу коғазҳо, дар қабати ду нон**…; **қабат ба қабат // қабат-қабат** а) якчанд қабат, қабатҳои зиёд; қабати ғафс; б) болои ҳам, боло-болои ҳам, яке рӯи дигаре; **қабат ба қабати**… а) тамоми қабатҳои…; ҳамаи қишрҳои…; б) дарун ба даруни…; ◊ **қабат-қабат гӯшт гирифтан** аз шодию хурсандӣ рӯҳбаланд шудан, аз ниҳояти шодмонӣ болидан.

**ҚАБЕҲ** *а.* قبيح 1. зишт, бад, ганда, нописанд (*оид ба чизе*); **алфози қабеҳ**, калимаҳои дашномии кӯчагӣ; **суханҳои қабеҳ**, **хислати қабеҳ**. 2. палид, разил (*оид ба касе*).

**ҚАБЕҲА** *а.* قبيحه *муаннаси* **қабеҳ**.

**ҚАБЕҲӢ** قبيحى *ниг.* **қабоҳат**.

**ҚАБЕҲОНА** قبيحانه разилона, палидона: **ёрии қабеҳона, толону тороҷи қабеҳона**.

**ҚАБЕҲУЛВАҶҲ** *а.* قبيح‌الوجه зиштрӯй, бадрӯй, бадафт, баднамо.

**ҚАБЗ** I *а.* قبض *кит.* гирифтан бо даст (панҷа); **қабзи хотир** гирифтагии хотир, малоли хотир; **қабзи ҷон** гирифтани ҷон, мирондан; **қабзу баст** гирифтану додан, додугирифт; санад, ки ба бадали чизи гирифта медиҳанд.

**ҚАБЗ** II *а.* قبض гирифторӣ, дар банд будан; **қабзи меъда** сахт шудани меъда; қабзият; **қабзи табиат** а) гирифтагии табъ, хиратабъӣ; б) *ниг.* **қабзи меъда**.

**ҚАБЗА** I *а.* قبضه 1. он миқдор чиз, ки дар як мушт меғунҷад, чизе, ки дар байни панҷаи даст ҷо мешавад, даста; **як қабза коғаз, як қабза алаф (гул)**. 2. даст, панҷа; **ба қабзаи** *касе* **даромадан** ба дасти касе даромадан, ба тасарруфи касе даромадан; **қабза кардан** дар байни кафи худ гирифтан (ришро, банди дасти касеро *ва г.)*; дар мобайни кафу панҷаи даст ҷой додан.

**ҚАБЗА** II *а.* قبضه *кит.* гирифтангоҳи шамшер, теғ, корд, камон *ва г.*; даста, дастгира, мақбаз; **қабзаи шамшер**.

**ҚАБЗАГИР** قبضه‌گير *кит.* даста, дастгира.

**ҚАБЗИЯТ** *а.* قبضیت *кит.* гирифтагии меъда, сахт шудани меъда, инқибоз; **қабзияти ботинӣ** афсурдаҳолӣ, рӯҳафтодагӣ.

**ҚАБЗУЛВУСУЛ** *а.* قبض‌الوصول *кит.* шаҳодатномаи расидани чизе, хати қабул, санади расид, забонхат.

**ҚАБИЛ** *а.* قبیل гурӯҳ, даста; қисм; ҷинс, хел, навъ; **аз ин (он, ҳамон) қабил; аз қабили**… аз навъи…, аз ҷинси…; мисли…, монанди…

**ҚАБИЛА** *а.* قبیله гурӯҳи иҷтимоӣ, ки муносибатҳои хешутаборӣ ва ягонагии забону ҷои истиқомат аз нишонаҳои он аст, қавм, тоифа: **қабилаи манғит, қабилаҳои бодиянишин**.

**ҚАБИЛАВӢ** قبیلوی *мансуб ба* **қабила**; хоси қабила: **урфу одати қабилавӣ, ҷомеаи қабилавӣ**.

**ҚАБЛ** *а.* قبل пеш, аввал; *муқоб.* **баъд; қабл аз**… пеш аз…, то...; **илоҷи воқеа қабл аз вуқӯъ бояд кард** (*мақ.*).

**ҚАБЛАН** *а.* قبلاً пештар, пеш аз ин; пеш аз вақт, пешакӣ.

**ҚАБЛӢ** قبلی пешина; пешакӣ; **омодагии қаблӣ** тайёрии пешакӣ.

**ҚАБО** *а.* قبا як навъ либоси рӯпӯши дарози пешкушодаи мардона; ҷома, либос.

**ҚАБОИЛ** قبائل *ҷ.* **қабила**.

**ҚАБОҚ** *т.* قباق 1. каду. 2. ҳадаф, нишон (-и камонкашони савораи қадим), қабақ.

**ҚАБОЛА** *а.* قباله 1. ҳуҷҷате, ки мутобиқи он касе чизеро ба зимма мегирад (*мас., адои қарзро*). 2. санади харидуфурӯши мулк, ҷой, хона; васиқа; **қарзу қабола** додугирифт.

**ҚАБОЛАНАВИС** قباله‌نویس *кит., кҳн.* он ки қаболаи расмӣ менависад ва онро сабт мекунад.

**ҚАБОЛАНАВИСӢ** قباله‌نویسی *кит.* амал ва шуғли қаболанавис.

**ҚАБОНАМАД** قبانمد яктаки намадӣ, либоси боронӣ, чакман.

**ҚАБОПӮСТИН** قباپوستین *кит.* либоси яктаки дарози аз пӯст дӯхташуда.

**ҚАБОПӮШ** قباپوش қабопӯшида, қабо дар тан: **сарви қабопӯш**.

**ҚАБОҲАТ** *а.* قباحت зиштӣ, нозебоӣ, бадӣ; қубҳ, қабеҳӣ.

**ҚАБОҲАТНОК** قباحتناک қабеҳ, манфур, нозебо, баднамо.

**ҚАБР** *а.* قبر гӯр, оромгоҳ, марқад; **қабр кандан** гӯр кофтан; **ба сари қабри** *касе* **рафтан** оромгоҳи касеро зиёрат кардан; ◊ **ба қабри (гӯри) падари** … бало ба пасаш, беҳтар аст дигар гапи ӯро нагӯед… (*калимаи дашном*).

**ҚАБРГОҲ** قبرگاه маҳалле, ки дар он қабрҳо ҷойгиранд, қабристон.

**ҚАБРИСТОН** قبرستان ҷои дафни мурдагон, гӯристон; **қабристони шаҳидон** оромгоҳи ҳалокшудагон дар ҷангҳову офатҳои табиӣ.

**ҚАБРКАН** قبرکن он ки барои марҳум қабр омода месозад, гӯрков.

**ҚАБРКАНӢ** قبرکنی шуғли махсус, ки аз омода кардани қабр барои мурдагон иборат аст, гӯрковӣ.

**ҚАБУ** قبو *лаҳҷ.* камин; **буз дар девор, гург дар қабу** (*мақ.*).

**ҚАБУЛ** *а.* قبول 1. пазируфтан, гирифтан; таҳвилгирӣ, ахзи чизи супурданӣ: **қабули ариза (дархост…), қабули пахта, қабули пилла, комиссияи қабул; қабули донишҷӯй** ба донишҷӯӣ пазируфтан. 2. пазироӣ, пазириш, рухсатдиҳӣ; истиқбол. 3. ба зимма (ӯҳда) гирифтан, ба дӯш гирифтан. 4. мақбул доштан, маъқул донистан, писандидан (-и сухан, насиҳат, таклиф *ва г.*); **қабули қарор // қарор қабул кардан** овоздиҳӣ, ба мувофиқа омадан (-и аҳли ҷаласа дар масъалае); **ӯҳдадорӣ қабул кардан** иҷрои нақшаеро ба зимма гирифтан; **қабули салом** *киноя аз* ҷавоб додан ба салом, алейк гирифтан; **динеро қабул кардан** гаравидан (майл кардан, рӯй овардан, мӯътақид шудан) ба дине; **узри** *касеро* **қабул кардан** ба эътибор гирифтани узри касе, касеро маъзур доштан; **ангушти қабул ба(р) дида ниҳодан** *киноя аз* қабул кардан; **зиёрат қабул!** сафар муборак!, ба хайр! (*таъбирест, ки ба шахси аз зиёрату сафар баргашта мегӯянд ва ӯ дар ҷавоб «мурод ҳосил» мегӯяд*).

**ҚАБУЛГОҲ** قبولگاه утоқи пазироӣ; хонае, ки

дар он корафтодагон соати қабулро мунтазир мешаванд: **қабулгоҳи вазир, қабулгоҳи мудир…**; **қабулгоҳи беморон** шӯъбаи қабули беморон дар беморхонаҳо.

**ҚАБУЛДОР** قبولدار **:қабулдор кардан** ба қабули чизе водор кардан; розӣ кунондан касеро ба чизе.

**ҚАБУЛЁБАНДА** قبولیابنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **қабул ёфтан**; қабулшаванда, пазируфташаванда.

**ҚАБУЛКУНАК** قبولکنک *радио.* дастгоҳи қабулкунандаи мавҷҳои радиоӣ.

**ҚАБУЛКУНАНДА** قبولکننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **қабул кардан**. 2. он ки чизеро қабул мекунад.

**ҚАБУЛОН(И)ДАН** قبولاندن//قبولانیدن *тарзи бавоситаи* **қабулидан**; мавриди пазироӣ қарор додан; писанд кунонидан.

**ҚАБУЛХОНА** قبولخانه *гуфт.* 1. *ниг.* **қабулгоҳ**. 2. хонае, ки табиб беморонро қабул мекунад.

**ҚАБУЛШАВАНДА** قبولشونده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **қабул шудан**. 2. қобили қабул; он чи пазируфтанист. 3. он ки ба ҷое пазируфта мешавад.

**ҚАБУРҒА** *т.* قبورغه устухони паҳлу, данда (*дар одам ва чорпо*).

**ҚАБУРҒАДОР** قبورغه‌دار дорои қабурға, иборат аз қабурға; **гӯшти қабурғадор** гӯшти якҷоя бо устухони паҳлу.

**ҚАВ** I قو пилтаи чақмоқ, латтаи сӯхта барои бо чақмоқ даргиронданни оташ; пахтаи сӯхта, ки барои нигаҳ доштани хун ба ҷои хуншор зер мекунанд.

**ҚАВ** II قو навъи замбӯруғ, ки чатри он поя надорад ва дар танаи дарахтон мерӯяд.

**ҚАВА** قوه **:қава будан** *гуфт.* дар банд будан, муқайяд (гирифтор) будан; **қава кардан** касеро дар ҷое маҳкам кардан; ҳабс кардан; **ду пойро дар як мӯза қава кардан** исрор кардан дар коре.

**ҚАВАД** *а.* قود *кит.* қасос, ниқор; **қавад ситондан** ниқор гирифтан, интиқом гирифтан.

**ҚАВАХОНА** قوه‌خانه *гуфт.* ҳабсхона, маҳбас.

**ҚАВВОД** *а.* قوّاد *кит.* далла; дайюс, қалтабон.

**ҚАВВОДА** *а.* قوّاده *муаннаси* **қаввод**.

**ҚАВВОДАГӢ** قوّادگی даллагӣ, дайюсӣ.

**ҚАВВОДХОНА** قوّادخانه *кит.* даллахона, ҷойгоҳи фоҳишаҳо.

**ҚАВВОЛ** *а.* قوّال *кит.* 1. гапзананда, гӯянда, нотиқ; забоновар. 2. сароянда, ҳофиз.

**ҚАВВОЛБАНД** قوّالبند *кит.* суханвар, хушгап, нотиқ.

**ҚАВВОЛӢ** قوّالی амал ва шуғли қаввол, нотиқӣ, суханварӣ.

**ҚАВВОС** *а.* قوّاس *кит.* камонсоз, камонгар.

**ҚАВИАЗМ** قوی‌عزم қавиирода, дорои иродаи маҳкам, матин.

**ҚАВИАНДОМ** قوی‌اندام *ниг.* **қавипайкар**.

**ҚАВИБОЗУ** قوی‌بازو 1. он ки бозувони бақувват дорад, қавидаст. 2. *маҷ.* зӯр, пурқувват: **ҷавони қавибозу**.

**ҚАВИБОЛ** قوی‌بال дорои болҳои нерӯманд; *ниг.* **қавидил**.

**ҚАВИБУНЁД** قوی‌بنیاد он ки ва ё он чи появу бунёди пойдору устувор дорад; мустаҳкам, нерӯманд, пурқувват.

**ҚАВИДАСТ** قوی‌دست 1. он ки дастони нерӯманд дорад. 2. *маҷ.* пурзӯр, боқувват, муқтадир; *ниг.* **қавибозу**.

**ҚАВИДАСТГАҲ** قوی‌دستگه *ниг.* **қавидастгоҳ**.

**ҚАВИДАСТГОҲ** قوی‌دستگاه тавоно, давлатманд, соҳиби ҷоҳу манзалат.

**ҚАВИДИЛ** قوی‌دل шуҷоъ, далер, ҷасур; **қавидил кардан** (*касеро*) ҷасур шердил кардан.

**ҚАВИЁЛ** قوی‌یال 1. он ки гардани бақувват дорад. 2. *маҷ.* зӯр, тануманд.

**ҚАВИИРОДА** قوی‌اراده он ки иродаи мустаҳками халалнопазир дорад, қавиазм.

**ҚАВИМ** *а.* قویم *кит.* рост, дуруст; устувор, пойдор.

**ҚАВИНИҲОД** قوی‌نهاد салимтабиат, зӯровар, бақувват.

**ҚАВИПАЙКАР** قوی‌پیکر тануманд, тановар, қавиҷусса; зӯр, бақувват.

**ҚАВИПАНҶА** قویپنجه 1. он ки панҷаҳои сахт ва бақувват дорад. 2. пурзӯр, боқувват, муқтадир, тавоно.

**ҚАВИПОЙ** قویپای 1. дорои пойҳои устувору нерӯманд. 2. *маҷ.* устувор, мустаҳкам, пойдор, сахтбунёд.

**ҚАВИРӮҲ** قویروح он ки рӯҳи мустаҳкаму иродаи устувор дорад; *ниг.* **қавиирода**.

**ҚАВИТАБЪ** قویطبع 1. дорои табъи баланд. 2. *маҷ.* шоири боистеъдод.

**ҚАВИТАН** قویتن тануманд, дорои ҷисми қавӣ, пурзӯр, нерӯманд,

**ҚАВИҲАЙКАЛ** قویهیکل тануманд, қавипайкар, тавонгар.

**ҚАВИҲИММАТ** قویهمّت *ниг.* **ҳимматбаланд**.

**ҚАВИҲОЛ** قویحال 1. давлатманд, ғанӣ. 2. пуриқтидор, зӯр, бақувват.

**ҚАВИЧАНГ** قویچنگ *ниг.* **қавипанҷа**.

**ҚАВИЧАНГОЛ** قویچنگال 1. бо чанголи гирову мустаҳкам. 2. даранда, ваҳшӣ.

**ҚАВИҶУССА** قویجثه бузургҷусса, тануманд, азимҷусса.

**ҚАВИШАВКАТ** قویشوکت бошукӯҳ, соҳиби ҷалолу дабдаба.

**ҚАВИШАЪН** قویشأن азимушшаън, боазамат, пуршаън.

**ҚАВИЭЪТИҚОД** قویاعتقاد он ки бовариву итминони мустаҳкам дорад; *ниг.* **қавиирода**.

**ҚАВӢ** *а.* قوی 1. зӯр, бақувват, тавоно: **бозувони қавӣ, даст (он)-и қавӣ, ӯрдуи қавӣ, эътиқоди қавӣ**. 2. мустаҳкам, устувор: **азми қавӣ, иродаи қавӣ, робитаро қавӣ кардан, қавӣ шудани азми** *касе*. 3. калон, бузург, тануманд; **эҳтимоли қавӣ** гумони бисёр наздик, ба яқин, эҳтимоли яқин.

**ҚАВЛ** I *а.* قول 1. гуфтор, сухан, калом; **аз қавли**… аз гапи…, аз сухани…; **аз рӯи қавли… // назар ба қавли…** мувофиқи гапи…, тибқи гуфтаи…; **ба қавли**… бино ба гуфтаи…, ба гуфти…, аз рӯи гапи… тавре ки мегӯя(н)д. 2. фикр, ақида. 3. аҳд, паймон, мисоқ; ваъда; **қавлу қарор** а) аҳду паймон барои иҷрои коре; гуфтугузор; б) аҳд ва пойдорӣ ба аҳд; **қавл гирифтан** (*аз касе*) паймон гирифтан, аҳд гирифтан аз касе; **қавл додан** ваъда додан, иҷрои кореро ба ӯҳда гирифтан; **қавл надоштан** дар қавли худ вафодорӣ накардан, ваъдахилоф будан; **аз қавли худ (бар) гаштан** аз рӯи гуфтаи худ амал накардан; аҳди худро шикастан; аз фикру раъйи худ баргаштан; **ба қавли худ вафо кардан** ваъдаи худро ба ҷо овардан; ◊ **ба қавле** чӣ тавре ки мегӯянд, ба истиллоҳ; гӯё ки; **қавли** *касе* **якто будан** гапи касе як будан сухан (*ваъда ё аҳд*)-и худро дигар накардан.

**ҚАВЛ** II *а.* قول *кит.* тарона; тасниф; лаҳне дар мусиқӣ.

**ҚАВЛНОМА** قولنامه аҳду паймони навишта, санаде, ки фурӯшандаву харидор роҷеъ ба нарху байъ ба даллол медиҳанд.

**ҚАВЛОНА** قولانه *гуфт.* дастхат, забонхат.

**ҚАВМ** *а.* قوم 1. гурӯҳи мардум, тоифа, қабила, халқ, мардум: **қавми кӯчманчӣ, қавми тоҷик, қавму қабила**. 2. хешу табор; **қавму хеш** хешу ақрабо. 3. *д., маҷ.* гурӯҳе, ки дар як масҷид ва аз паси як имом намоз мехонанд.

**ҚАВМӢ** قومی *мансуб ба* **қавм**; **низои қавмӣ** низоъ дар байни қавм; низои миллӣ.

**ҚАВОИД** قواعد *ҷ.* **қоида**.

**ҚАВОҚ** *т.* قواق пӯсти гирдогирди чашм, ки мижаҳо дар лаби он мерӯянд, пилки чашм; **бо қавоқи гирифта // бо қавоқи овезон** бо табъи хира, туршрӯёна; **қавоқ андохтан** бо ифодаи чеҳра ошкор сохтани хиратабъӣ ва баён кардани хашму норозигӣ, рӯ турш кардан; **қавоқу димоғ кардан // қошу қавоқ кардан** *ниг.* **қавоқ андохтан; қавоқи** *касе* **овезон будан** табъи касе хира будан, туршрӯ будан; хашмолуд будан; **қавоқи худро овезон кардан** *ниг.* **қавоқ андохтан; аз қавоқи** *касе* **барфу борон боридан** туршрӯ будан, табъи хира доштан; ғамгину хашмолуд будан.

**ҚАВОЛА** *а.* قواله *ниг.* **қабола**; **қарзу қавола кардан** *гуфт.* бо азобу машаққати зиёд қарз ёфтан.

**ҚАВОМ** *а.* قوام *кит.* 1. ростӣ, дурустӣ; устуворӣ, пойдорӣ. 2. адл.

**ҚАВОНИН** *а.* قوانین *ҷ.* **қонун**.

**ҚАВОРА** *а.* قواره 1. шаклу шамоил, қиёфа. 2. *кит.* порчае аз матоъ, ки дӯзанда аз ҷои гардан ва гиребони пироҳан гирд мебурад.

**ҚАВС** *а.* قوس 1. камон; қисме аз доира (*дар ҳандаса*). 2. *грам.* аломати ҷуфти камоншакли китобат барои махсус ҷудо кардани баъзе маълумот аз матни асосӣ *ва г.* 3. моҳи нӯҳуми солшумории ҳиҷрии шамсӣ (*аз рӯи тақвими бурҷӣ*), ки он ба 22 ноябр - 21 декабри милодӣ рост меояд ва дар форсӣ ин моҳро «озар» мегӯянд; ◊ **қавси қузаҳ** тиру камон, рангинкамон.

**ҚАВСАЙН** *а.* قوسين *ҷ. дугонаи* **қавс** 2.

**ҚАВСАР(А)** *а.* قوصر//قوصره *кит.* сабади хасин барои кашондани меваи хурмо *ва г.*

**ҚАВСӢ** قوسى *мансуб ба* **қавс**; камонмонанд, хамида, дуто; **борони қавсӣ** бороне, ки дар моҳи қавс меборад.

**ҚАВСОБ** قوساب обмонии зимистона ба заминҳои шудгоршуда дар баъзе ҷойҳо.

**ҚАВСУННАҲОР** *а.* قوس‌النهار *нуҷ.* хати ҳаракати Офтоб аз тулӯъ то ғуруб.

**ҚАВУРДОҚ** *т.* قوورداق *хӯр.* гӯшти дар равғани дунба пухта, ки одатан барои дар зимистон хӯрдан бо равғанаш дар хум нигоҳ медоранд, қайла.

**ҚАВУРМА** *т.* قورمه *хӯр.* таоме, ки гӯштро бо пиёзу картошка *ва г.* бирён карда, аз болояш каме об рехта мепазанд.

**ҚАВУРМАШӮРБО** قورمه‌شوربا *хӯр.* қавурмае, ки обашро зиёд рехта, ба шӯрбо табдил додаанд.

**ҚАД(Д)** *а.* قد 1. дарозии одам, ҳайвон ё растанӣ ба боло, қомат, боло: **қади баланд**, **қади боло, қади дароз, қади дилҷӯ, қади мавзун, қади расо, қади раъно, қаду боло, қаду қомат, қади** *касе* **хам гаштан, қади худро хам кардан;** *ба тариқи истиора*: **нахли қад**, **сарви қад, қади алиф, қади сарв, қади шамшод; қаду баст, қаду қомат** андом; ҷусса, гавда; **қад афрохтан** қомат баланд кардан, қад (ро) дароз кардан; **қад ёзондан** а) қадбаланд шудан, дароз шудани қад, қад мондан; б) қадро баландтар бардоштан; қоматро андак пеш ва боло бурдан; **қад кашидан** а) дароз шудани қад, қадбаланд шудан; б) сабзида баромадан, нашъунамо кардан; **қад мондан** дароз гардидани қад, қадбаланд шудан; **қад рост кардан** а) қомат рост кардан, рост хестан; б) *киноя аз* сохта шудан, бино ёфтан; в) *маҷ.* кору бори худро аз нав ба роҳ мондан; нашъунамо кардан. 2. дарозӣ, тӯл; *муқоб.* **бар; (аз) қади**… бо лаби…, бо канори…, лаб-лаби (дарё, ҷӯй, наҳр); **бо қади роҳ** ба тӯли роҳ, ба дарозии роҳ; **қад-қади…** а) дар тӯли…, ба дарозии…; б) лаб-лаби…, дар канори…, дар соҳили...; **як қади** … ба андозаи…, ба қадри баландии…: **(як) қади найза, ду қади сафедор; қаду бар** дарозию паҳноӣ, тӯлу арз; **қад додан** а) қомат афрохтан, қад рост кардан; б) баробари қомат омадан, ба андозаи қад мувофиқ омадан; **бо як ваҷаб қад** бо ин хурдсолӣ (*ба хурдсолон гуфта мешавад*); **аз қаду бари** *чизе* **задан** а) бо ҳар гуна баҳонаю фиреб чизеро ниҳоят кам карда додан; б) аз чизе беинсофона дуздидан; **ба қад расидан** ба камол расидан, ба балоғат расидан; **ба (дар) қади** *касе* **шудан** ҳомила шудан, дуҷон шудани зане; **як қад паридан** аз ҳодисаи ногаҳоние сахт тарсидан, нохост ҳаросида ҷастан; **як қад парондан** *тарзи бавоситаи* **як қад паридан; аз қади** *касе* **гаштан** фидои қаду қомати касе шудан (*дар мавриди истиқбол ё меҳрубонӣ мегӯянд*).

**ҚАДАҒАН** *т.* قدغن 1. манъ кардани чизе бар касе, мамониат, монеъ шудан. 2. таҳрим, эмбарго; **қадаған кардан** таҳрим, манъ кардан, монеа гузоштан.

**ҚАДАК I** قدک *шакли тасғир ва навозишии* **қад**.

**ҚАДАК II** قدک карбоси ранга (*кабуд*).

**ҚАДАМ** *а.* قدم 1. пой, андозаи пой аз сарангушт то пошна. 2. фосилаи байни ду пой вақти роҳ рафтан, гом (*ҳамчун воҳиди паймоиш*). 3. қадаммонӣ, роҳгардӣ, роҳравӣ; **бо қадамҳои дилпурона, бо қадамҳои калон-калон, бо қадамҳои қатъӣ, бо қадамҳои оҳиста, бо қадамҳои тез-тез, бо қадамҳои устувор**. 4. қудум, ташриф, омадан. 5. *маҷ.* иқдом дар коре; **қадами аввалин** а) гоми нахустин; б) *киноя аз* ибтидои коре, оғози чизе, шавгун; **машқи қадам** тамрини қадаммонии низомӣ ё варзишӣ, машқи роҳгардии хоси ҳарбиён ё варзишгарон; **бо қадамҳои ҳарбӣ** ба тарзи қадаммонии низомиён, бо роҳгардии хоси

ҳарбиён; **дар ҳар як қадам** дар фосилаи ҳар як гом; **як-ду қадам дуртар** андаке дуртар, дар фосилаи начандон зиёд; **қадам бардоштан** ба роҳ даромадан, равон шудан; **қадам гузоштан (мондан, ниҳодан)** а) по гузоштан, ба роҳ даромадан; роҳ рафтан, роҳ гаштан; б) равон шудан ба сӯе, рафтан; в) омадан ба ҷое; г) даромадан, дохил гаштан, ворид гаштан ба ҷое; ғ) *маҷ.* шурӯъ намудан, оғоз кардан ба коре; **қадам задан** роҳ гаштан; роҳ рафтани бисёр барои гардиш ё вақтгузаронӣ; **қадам кардан** масофаеро бо қадам андоза кардан; **қадам партофтан** пой мондан, ба роҳ даромадан; роҳ рафтан, роҳ гаштан; ◊ **музди қадам** ҳаққе, ки ба табибон, мутрибон *ва м. инҳо* барои омаданашон медиҳанд, поймузд; **як сари қадам** а) сари роҳ, аз ҷое гузашта истода; б) ба фурсати кам, барои андак вақт; **қадам ба қадам** гом ба гом; батадриҷ, оҳиста-оҳиста; **дар сари ҳар қадам // дар ҳар қадам** дар ҳама ҷо ва ҳамеша; зуд-зуд; **аз қадами**… ба шарофати омадани…, аз юмни қудуми…; **аз пои қадами (неки)** *касе* аз хушқадамии касе; **аз пою қадами** *касе* бинобар расидани пои касе ба ҷое; ба шарофати омадани касе ба ҷое; **қадам беҷо мондан** бемулоҳиза рафтор кардан; *муқ.* **пои худро беҷо мондан; қадам каҷ гузоштан (мондан)** ба роҳи бад рафтан, бадахлоқӣ кардан; **қадамро дониста мондан** кореро бамулоҳиза ва ҳушёрона иҷро кардан; дар коре эҳтиёт ба харҷ додан; **қадамро шумурда мондан (партофтан)** бо эҳтиёт роҳ гаштан; саросема нашуда, оҳиста роҳ рафтан; **қадам ранҷа кардан** қабули заҳмат карда омадан (*дар мавриди аз рӯи лутф ва марҳамат ба ҷое омадани шахси мӯҳтараме гуфта мешавад*); **қадами** *касе* **аз ҷое канда набудан** рафтуои худро ба ҷое қатъ накардан, алоқаи худро набуридан; *муқ.* **пои худро аз ҷое кандан; қадами** *касе* (*ё* **пою қадами касе) ба ҷое расидан** ба ҷое омадани касе; **қадами худро** (*ё* **пою қадами худро) аз ҷое кандан** рафтуои худро ба ҷое қатъ кардан, алоқаи худро буридан; **қадаме ба пеш будан** пешравие ҳисоб шудан, пешрафт будан; **як қадам берун намондан (нарафтан)** пурра мувофиқи нишондоди касе кор кардан, аз гапи касе ҳеҷ набаромадан; **як (ду) қадам роҳ будан** наздик будани роҳ; **ба остонаи ҷое қадам ниҳодан (гузоштан, мондан)** ба ҷое даромадан, ворид шудан, дохил шудан; **ба рӯи қадам омадан** таваллуд ёфтан, зоида шудан, ба дунё омадан; **ба соле қадам мондан (ниҳодан, гузоштан)** ба соле даромадан, … ба синне расидан; **ба ҳаёт қадам гузоштан** (*мондан, ниҳодан*) бо дунё омадан, таваллуд ёфтан, зоида шудан; **ҳар қадами** *касеро* **назорат кардан** рафтори касеро сахт назорат кардан, ҳар як кори касеро таҳти назорат гирифтан; **қадам расид, бало нарасад** бо омадани касе балоҳо, офатҳо дафъ шаванд (*дуое, ки дар вақти омадани меҳмоне мегӯянд*); **қадаматон болои дида // ҳар қадаматон нури дида, тоҷи сар** аз ташрифатон бисёр хушнуд ҳастем (*дар мавриди пазироӣ ба меҳмон мегӯянд*); **қадами аввал-лӯкка** аз одами навкор камбудӣ рӯй медиҳад; ҳар кор дар аввал нуқсон дорад; **қадами** *касе* **муборак будан** ба шарофати омадани касе хайрият шудан ва омад кардани корҳо; **қадами худро озор надодан** ба ҷое дигар наомадан, рафтуои худро қатъ кардан.

**ҚАДАМВОР** قدم‌وار *кит.* ҷой ва масофаи як қадам, ҷои ба андозаи дарозии як қадам.

**ҚАДАМГИР** قدم‌گیر *кит.* ҷое, ки дар он по гузоштан ва роҳ рафтан мумкин аст.

**ҚАДАМГОҲ** قدم‌گاه 1. ҷои ниҳодани по, ҷои қадам. 2. маҳалле, ки изи пои одаме (*одатан рӯи санге*) боқӣ мондааст; ҷое, ки аз рӯи эътиқоди хурофӣ гӯё пои пайғамбаре, авлиё ё ягон бузургворе расидааст.

**ҚАДАМГУЗОР** قدم‌گذار роҳраванда, ҳаракаткунанда; **қадамгузор шудан** қадам мондан, пой ниҳодан, роҳ рафтан, роҳ гаштан.

**ҚАДАМГУЗОРӢ** قدم‌گذاری қадаммонӣ; роҳгардӣ, роҳ гаштан; ворид шудан ба ҷое.

**ҚАДАМЗАНӢ** قدم‌زنی *исми амал аз* **қадам задан**; роҳгардӣ, роҳравӣ (*бо мақсади гардиш ё вақтгузаронӣ*); ба қадамзанӣ даромадан; *ҳ.* бо низом қадам задан.

**ҚАДАМЗАНОН** قدم‌زنان *феъли ҳол аз* **қадам задан**; дар ҳоли қадам задан, дар ҳоли қадаммонӣ.

**ҚАДАММОНӢ** قدم‌مانی 1. қадам мондан, пой гузоштан. 2. роҳгардӣ, роҳравӣ. 3. тарзи рафтор, тариқи роҳгардӣ; **қадаммонии** *касе* **дигар (хел) шудан** *маҷ.* тағйир ёфтани

рафтори касе, муомилаи касе дигар хел шудан (*дар мавриди дигар шудани рафтору гуфтори касе гуфта мешавад*).

**ҚАДАМНОРАС** قدم‌نارس ҷое, ки пои одам нарасидааст; ҷое, ки ба он қадам гузоштан берун аз имкон аст.

**ҚАДАМПАРТОӢ** قدم‌پرتائی роҳравӣ, роҳгардӣ, қадамгузорӣ.

**ҚАДАМФАРСО** قدم‌فرسا он ки азобу машаққати роҳро бар ӯҳда мегирад, шахси боталош ва кӯшишкунанда.

**ҚАДАМҶОЙ** قدم‌جای *ниг.* **қадамгоҳ**.

**ҚАДАМШУМОР** قدم‌شمار асбоб барои шумурдани миқдори қадамҳо.

**ҚАДАМШУМОРӢ//ҚАДАМШУМУРӢ** قدم‌شماری//قدم‌شمری қадамзанӣ, роҳгардӣ; пасу пеш рафта омадан (*мас., дар интизории касе*).

**ҚАДАМШУМ** قدم‌شوم *кит.* шумқадам.

**ҚАДАР** I *а.* قدر миқдор, андоза, дараҷа; **қадаре** як қадар; андак, каме, қадре: **қадаре дам гирифтан, қадаре осуда шудан, қадаре ранҷидан, қадаре сӯҳбат кардан, забонаш қадаре мегирифт; ин қадар** а) ин миқдор *(андоза, дараҷа)*; б) то ин андоза, то ба ин дараҷа; чунин; зиёд, бисёр; **он қадар** а) он миқдор; ба он андоза; чандон (зиёд); б) ба дараҷаи хуб, ба таври бояду шояд; **на он қадар** начандон; **ҳамин қадар** а) ин миқдор, ин андоза; б) зиёд, бисёр; в) фақат ҳаминро, танҳо инро; **ҳар қадар** а) ҳар андоза, чӣ қадаре ки; чандон ки; б) ҳарчанд, агарчи, бо вуҷуди он ки; **ҳар қадар ки…, ҳамин қадар…** *пайвандаки ҷуфти тобеъкунандаи миқдору дараҷа* ба ин андозае ки, … ба ҳамон андоза…; **ҳар чи қадар** а) ба чи андозае ки…; б) ҳарчанд ки, агарчи, чандон ки; **чӣ қадар** а) чӣ миқдор?; б) чӣ андоза, ба кадом дараҷа; в) чӣ тавр, бисёр; хеле; **чӣ қадар ки**… ҳар қадар ки…, чӣ миқдоре ки…; **як қадар** а) як миқдор, қадре; б) як андоза, ба андозае; в) камтар, андаке, то андозае.

**ҚАДАР** II *а.* قدر *кит.* сарнавишт, тақдир, қисмат; **қазову қадар** пешомад ва сарнавишт, тақдир.

**ҚАДАРАНДОЗ** قدرانداز *таър.* камондоре, ки тираш ба хато намеравад.

**ҚАДАРМОЯ** قدرمایه *кит.* андак, кам, як миқдор, миқдори каме.

**ҚАДАФРОЗӢ** قدافرازی қад афрохтан, қадбаланд шудан, қадкашӣ; сабзиш, нашъунамо.

**ҚАДАҲ** *а.* قدح зарф барои нӯшидан, соғар, ҷом, пиёла, коса; **қадаҳи гул** *киноя аз* косаи сари гули лола *ва г.*; **қадаҳ нӯшидан; қадаҳ бардоштан** май нӯшидан.

**ҚАДАҲБАРДОР** قدح‌بردار *ниг.* **қадаҳнӯш**.

**ҚАДАҲГӮӢ** قدح‌گوئی *гуфт.* сухангӯӣ вақти қадаҳбардорӣ ба саломатӣ ё ба шарафи касе.

**ҚАДАҲКАШ** قدح‌کش *кит.* майхора, шаробнӯш.

**ҚАДАҲНӮШ** قدح‌نوش майнӯш, шаробхӯр.

**ҚАДАҲНӮШӢ** قدح‌نوشی *исми амал аз* **қадаҳ нӯшидан**.

**ҚАДАҲПАЙМО** قدح‌پیما *кит., ниг.* **қадаҳнӯш**.

**ҚАДАҲСОЗ** قدح‌ساز *кит.* устое, ки қадаҳ месозад, косагар, кулол.

**ҚАДАҲХОР** قدح‌خوار *кит.* майгусор, шаробхор, майнӯш.

**ҚАДБАЛАНД** قدبلند *ниг.* **қоматбаланд**: **марди қоматбаланд, духтари қоматбаланди зебо**.

**ҚАДД** قدّ *ниг.* **қад**.

**ҚАДДАРОЗ** قددراز *ниг.* **қадбаланд**.

**ҚАДИД** *а.* قدید гӯшти хушкондашуда, гӯшти қоқ; моҳии хушк ва намакин.

**ҚАДИМ** *а.* قدیم 1. дерина, дар айёми хеле пеш гузашта, собиқ, пешин, бостонӣ; куҳан, кӯҳна; **дӯсти қадим** дӯсти дерин; **маданияти қадим** фарҳанги дар замонҳои пеш бавуҷудомада; **тибби қадим** илми тандурустии маълум дар замонҳои гузашта, тибби бостонӣ; *муқоб.* **тибби муосир; халқи қадим** халқи таърихи бостонӣ дошта; **шаҳри қадим** шаҳри таърихи кӯҳна дошта; **аз қадим** аз замонҳои гузашта; **дар қадим** дар вақтҳои пеш, дар айёми гузашта; **қадимон** *кит.* одамони дар замонҳои пеш зиста, пешгузаштагон. 2. *таър.* ҷараёни иртиҷоии кӯҳнапараст, ки ба ҳар як навоварӣ инодкорона ва ҷоҳилона муқобилат нишон медиҳад; *муқоб.* **ҷадид; забони қадим** забони мустаъмал дар замонҳои гузашта, вале ҳоло

матрук; **забони форсии қадим** *збш.* нахустин давраи мавҷудияти табақабандишудаи забони форсӣ, ки тақрибан то асрҳоиVI-IV пеш аз милодро дар бар мегирад; **таърихи дунёи қадим** *таър.* давраи таърихи дунё, ки шартан то асри VII-VIII милодиро дар бар мегирад; **Юнони қадим** *таър.* давраи бостонии мамлакати Юнон, яъне то асрҳои миёна; **асли қадимаш барин мешавад** айнан монанди пештара мешавад, пурра ба вазъи пештарааш монанд мешавад.

**ҚАДИМА** قديمه *муаннаси* **қадим**: **одами қадима, шаҳри қадима**.

**ҚАДИМАН** *а.* قديماً дар даврaҳои бостон, аз қадим, дар қадим.

**ҚАДИМИСОХТ** قديمی‌ساخت ба тарзи меъмории замонҳои пеш сохташуда; кӯҳнасохт.

**ҚАДИМӢ** قديمی 1. қадим будан; дерина будан. 2. бостонӣ, кӯҳна, дерина; пешина, куҳан, пештара. 3. қадимиён, пешгузаштагон.

**ҚАДИМОНА** قديمانه ба тарзи қадим, бо расму оини қадимӣ.

**ҚАДИМНАСЛ** قديم‌نسل 1. дорои аслу авлоди қадима, шаҷарадор. 2. аз дудаи бостонӣ

**ҚАДИМНАСЛӢ** قديم‌نسلی намояндаи авлоди қадима будан, аз аслу дудаи бостонӣ будан.

**ҚАДИМУЛАЙЁМ** *а.* قديم‌الايام :**аз қадимулайём** аз замонҳои қадим, аз рӯзгори собиқ.

**ҚАДӢ** قدی 1. *мансуб ба* **қад**; нишондиҳандаи тасвири тамоми бадан. 2. баланд, дароз.

**ҚАДКАЛТА** قدکلته *гуфт., ниг.* **қадкӯтоҳ**.

**ҚАДКАШАК** قدکشک *тиб.* ғадудест дар ҷои ба тана пайванд шудани ронҳои пой.

**ҚАДКАШӢ** قدکشی *исми феълӣ аз* **қад кашидан**; қад ба боло кашидан, қаддарозӣ.

**ҚАДКӮТОҲ** قدکوتاه он ки қадаш кӯтоҳ аст, пастқомат, қадпаст, қадкалта.

**ҚАДНАВЧА** قدنوچه марди ҷавони қадаш дарози борик.

**ҚАДНАМО** قدنما :**оинаи қаднамо** оинае, ки қади одамро пурра нишон медиҳад, оинаи бақад.

**ҚАДНОРАС** قدنارس 1. чизе, ки ба он қад (даст) намерасад. 2. ноболиғ, ба синни балоғат норасида; **духтари қаднорас** духтари ноболиғ.

**ҚАДОҚ** I *т.* قداق *таър.* воҳиди ченаки вазн, ки баробар ба 409, 05 г. буд, фунт.

**ҚАДОҚ** II *т.* قداق 1. бо бандакҳои майдаи оҳанӣ ба ҳам пайвастани зарфҳои шикаста ё кафидаи чинӣ ва шиша: **қадоқ кардан**. 2. ҷои шикастаи зарфҳо, ки бо бандакҳои мазкур ба ҳам пайваст карда шудааст. 3. *гуфт.* қублаи сахтшудаи дасту по, ки ба сабаби бисёр кори сахт кардан ва роҳ рафтан пайдо мешавад, пина.

**ҚАДОҚГАР** I قداق‌گر *таър.* коргаре, ки дар қадоқхона чойро баркашидаву ба коғазҳо печонда барои фурӯш тайёр мекард.

**ҚАДОҚГАР** II قداق‌گر он ки ба васлу таъмир кардани зарфҳои шикаста ё кафида машғул аст.

**ҚАДОҚГАРӢ** I قداق‌گری шуғли коғазпеч кардану фурӯхтани чой.

**ҚАДОҚГАРӢ** II قداق‌گری шуғли васлу таъмир кардани зарфҳои чинӣ ва филизӣ.

**ҚАДОҚИН** قداقين зарфи қадоқшуда: **чойнаку пиёлаи қадоқин**.

**ҚАДОҚӢ** قداقی *мансуб ба* **қадоқ** I; **санги қадоқӣ** санги яккадоқии тарозу.

**ҚАДОҚХОНА** قداق‌خانه *таър.* коргоҳе, ки чой ва тамокуро дар вазнҳои гуногун баркашида, ба коғаз печонда, ба фурӯш тайёр мекарданд.

**ҚАДОҚЧӢ** قداقچی *ниг.* **қадоқгар** II.

**ҚАДПАСТ** قدپست он ки ё он чи қадаш баланд нест, кӯтоҳқад; *муқоб.* **қадбаланд: марди қадпаст, ҷавони танумaнди қадпаст, дарахти қадпаст**.

**ҚАДПАСТӢ** قدپستی пастии қад, қоматбаланд набудан.

**ҚАДР** *а.* قدر 1. андоза, миқдор, андоза ва миқдори ҳар чизе; **қадре** а) миқдоре, андозае, як андоза; андаке, каме; *муқ.* **як қадар: қадре васеътар, қадре дуртар, қадре калонтар, қадре саросема шуда, қадре ба ғазаб омада, қадре қувват гирифтан, қадре хурсанд шудан, қадре хӯрда дидан;** б) муддате, чанде: **боз**

**қадре, қадре андеша кардан, қадре гуфтушунид кардан, қадре кор кардан, қадре нигарон шуда истодан, қадре хобидан; ба қадре ки…** а) ба андозае ки…, ба миқдоре ки…; б) то он дараҷае, ки…; то он ҷое ки…; **бо қадре** бо каме, бо андаке, бо як қадар: **бо қадре бетоқатӣ, бо қадре ихтисор; ба қадри…** а) ба андозаи…, ба миқдори…; тахминан: **ба қадри донаҳои арзан, ба қадри гунҷоиши**…, **ба қадри чаҳор ангушт, ба қадри як қади одам;** б) мувофиқи…, муносиби…, аз рӯи…: **ба қадри дониши худ, ба қадри тавон; ин қадр // он қадр** *ниг.* **қадар; ҳар қадр** *ниг.* **қадар; чӣ қадр** *ниг.* **қадар**; **ба қадри даркорӣ** ба андозае, ки лозим аст, ба миқдори зарурӣ; **ба қадри дилхоҳ** ба андозае, ки дил мехоҳад, мувофиқи табъи дил; **ба қадри зарурӣ** а) *ниг.* **ба қадри даркорӣ;** б) зарурӣ, лозимӣ, даркорӣ; **ба қадри имкон** то ҳадде, ки имкон аст; **ба қадри кофӣ** ба он миқдору андозае, ки эҳтиёҷро қонеъ кунад; **ба қадри расамашон** аз рӯи расиданаш ба сари ҳар кас; **ба қадри ҳол** ба андозаи қувват ва тавоноӣ, алоқадри ҳол; мувофиқи имкон. 2. қимат, арзиш; эътибор, қурб; мартаба: **қадру қимат, қадр доштан, қадру қимати худро гум кардан, қадру эътибор доштан, қадру манзалат доштан; қадр кардан** *нав.* тақдир кардан; сарфароз гардонидан; **қадри** *касе* (*чизе*) **ро донистан // қадри** *касе* (*чизе*)**ро шинохтан** *ниг.* **ба қадри** *касе* **ё** *чизе* **расидан; шаби қадр** *ниг.* **лайлатулқадр; ба қадри як сари мӯ** ба қадри бисёр ночиз, каме ҳам, як зарра; **қадри** *касе* (*чизе*) **гузаштан** набудани касе ё чизе маълум шудан (*дар вақти аз даст додани касе ё чизе ва ё дастрас набудани чизе афсӯс хӯрда мегӯянд*); **қадри неъмат баъд аз завол** (*зарб.*); одам дар вақти дастрас будани чизе қадру қимати онро намедонад ва баъди аз даст рафтани он ба қадраш мерасад, набудани онро ҳис мекунад; **оби дари хона қадр надорад** (*мақ.*) *ниг.* **об**.

**ҚАДРАС** قدرس 1. қадрасанда, ба андозаи қади инсон. 2. *маҷ.* ба қад расида, ба балоғат расида, ба синни булуғ расида, ба камол расида; он ки синнаш ба ҳадди шавҳар кардан ё зан гирифтан расидааст (*бештар дар ҳаққи духтар гуфта мешавад*).

**ҚАДРАСИДА** قدرسیده *ниг.* **қадрас** 2.

**ҚАДРАСО** قدرسا *ниг.* **қадрас** 2.

**ҚАДРБАЛАНД** قدربلند олиқадр, олимартаба.

**ҚАДРДОН** قدردان 1. он ки қимату арзиши чизеро хуб медонад, он ки манзалату эҳтироми одамро медонад, қадршинос. 2. қарин, хеле наздик: **дӯсти қадрдон // ошнои қадрдон** дӯсти қарин, ошнои бисёр наздик; рафиқи хеле наздик.

**ҚАДРДОНЗОДА** قدردانزاده фарзанди дӯсти қарин ва хеле наздик.

**ҚАДРДОНӢ** قدردانی 1. қадрдон будан, расидан ба қадри кор ва хизмати касе; қадршиносӣ, сипосгузорӣ. 2. дӯстии наздик ва дерина; **қадрдонӣ кардан** қадршиносӣ кардан; сипосгузорӣ кардан, миннатдорӣ кардан.

**ҚАДРНОК** قدرناک боқадр, боарзиш; мӯътабар.

**ҚАДРНОШИНОС** قدرناشناس носипос, ношукр, кӯрнамак; кӯтоҳандеш.

**ҚАДРНОШИНОСӢ** قدرناشناسی носипосӣ, ношукрӣ, кӯрнамакӣ; кӯтоҳандешӣ.

**ҚАДРШИНОС** قدرشناس он ки ба қадри кор, некӣ ва фидокории кас мерасад, миннатгузор; *ниг.* **қадрдон** 1.

**ҚАДРШИНОСӢ** قدرشناسی қадршинос будан, расидан ба қадри кор ва фидокории касе, сипосгузор будан; **қадршиносӣ намудан** қадру манзалати касеро դониста, иззату эҳтиром кардан; сипосгузорӣ кардан.

**ҚАДФАРОЗ** قدفراز қоматбаланд, баландболо, дорои қадду қомати баланд.

**ҚАДХАМИДА** قدخمیده он ки қоматаш ба сабаби заъфи пирӣ ё беморие хам шуда бошад.

**ҚАДҲ** *а.* قدح *кит.* таъна задан, айб кардан; айбҷӯӣ, мазаммат; *муқоб.* **мадҳ**; **қадҳу ҷарҳ** сарзаниш ва таҳқир.

**ҚАЗ (3)** قز *кит.* абрешими хом.

**ҚАЗИБ** قضیب *кит.* 1. шохи дарахт, шоха, навда. 2. олати таносули мард.

**ҚАЗИДОР** قزیدار **:оши қазидор** оше, ки бо ҳамроҳии гӯшт ба он қазӣ ҳам андохтаанд.

**ҚАЗИЯ** *а.* قضیه 1. *кит.* ҳукм, фармон, амр. 2. масъала, матлаб. 3. воқеа, ҳодиса, пешомад.

**ҚАЗӢ** قزی ҳасибе, ки аз гӯшти асп ба таври махсус тайёр ва хушконида мешавад.

**ҚАЗНОҚ** *т.* قزناق *гуфт.* хоначаест дар наздикии бино, ки вазифаи анбори хонаро иҷро мекунад, анборча.

**ҚАЗО** *а.* قضا 1. *кит.* ҳукм кардан, ҳукми шаръӣ баровардан, қозигӣ кардан; қозӣ. 2. *д.* тақдир, сарнавишт; ҳукми илоҳӣ, фармудаи Худо; **қазову қадар** тақдир, қисмат, сарнавишт; **балову қазо** ҳодисаи ногаҳонӣ ва фалокат. 3. *д. маҷ.* мурдан, фавтидан, даргузаштан; **қазо кардан** вафот кардан. 4. *д.* намоз ё рӯзае, ки дар вақти муқаррариаш иҷро нашуда, баъд ба ҷо оварда мешавад; **намоз қазо шудан** дар вақти муайян хонда нашудани намоз. 2. тасодуф, иттифоқ, ҳодисаи ғайричашмдошт; **аз қазо // қазоро** иттифоқо, тасодуфан, ногаҳонӣ; **қазои осмонӣ** *маҷ.* сарнавишт; ҳодисаи ногаҳонӣ; бало; **қазои ҳоҷат** таҳорат шикастан, холӣ кардани шикам; **ризо ба қазо додан // ба қазо ризо шудан** ба тақдир тан додан.

**ҚАЗОВАТ** *а.* قضاوت 1. доварӣ кардан байни ду ё чанд кас; ҳукм баровардан дар бораи масъалае, ҳукмбарорӣ. 2. ҳукм, қозигӣ, вазифаи қозигӣ; қозигӣ кардан.

**ҚАЗОГАНД** قزاگند ҷомаи бо пахта ва ё бо абрешими хом пур карда, ки дар замони қадим дар рӯзҳои ҷанг мепӯшиданд.

**ҚАЗОЁ** *а.* قضایا *ҷ.* **қазия**.

**ҚАЗОҚ** قزاق 1. номи халқе аз қавмҳои туркизабон, ки сокинони асосии Ҷумҳурии Қазоқистон мебошанд. 2. нафаре аз халқи қазоқ.

**ҚАЗОҚӢ** قزاقی *мансуб ба* **қазоқ: забони қазоқӣ, намади қазоқӣ**.

**ҚАЗОҚНИШИН** قزاقنشین ҷое, ки асосан қазоқон маскан гузидаанд, нишемангоҳи қазоқон.

**ҚАЗОНДӮХТ** قزاندوخت пӯшоку пойафзоре, ки ба тарзи пӯшоку пойафзори тоторҳои қазонӣ дӯхта шудааст.

**ҚАЗОҶАРАЁН** قضاجریان *кит.* кори иҷрояш ҳатмӣ, воҷибулизъон: **фармони қазоҷараён**.

**ҚАИҚ** *т.* قئیق киштии хурд, заврақ; **қаиқи бодбондор** заврақи бо вазиши бод ҳаракаткунанда; **қаиқи мотордор** қаиқи ба воситаи мотор ҳаракаткунанда; **пойгаи қаиқ** мусобиқа дар қаиқронӣ; қаиқ рондан ба заврақ савор шуда онро ба таҳрик овардан.

**ҚАИҚРОН** قئیقران он ки қаиқ меронад, заврақрон.

**ҚАИҚРОНӢ** قئیقرانی 1. шуғли ронандаи қаиқ, заврақронӣ. 2. мусобиқаи заврақронӣ.

**ҚАИҚСАВОР** قئیقسوار он ки савори қаиқ аст (*мусофир ва ронанда*).

**ҚАИҚСАВОРӢ** قئیقسواری шуғли қаиқсавор.

**ҚАИШ** *т.* قئیش *гуфт.* 1. чарми хом, ки тасмашакл бурида бо он сартарошҳо теғро тез мекунанд, аз он аил ва дигар афзори аспу ароба месозанд. 2. он чи вақти ёзондан, хамидану тоб додан намешиканад ва боз шакли аввалаи худро мегирад, чандир, ёзанда, кашишдор.

**ҚАИШӢ** قئیشی қаиш будан, чандирӣ, хосияти чандирӣ доштан.

**ҚАЙ** *а.* قی ба воситаи даҳон аз меъда берун рехтани таоми хӯрдашуда, истифроғ; **қай кардан** гардондан, партофтан (*аз даҳон чизи дар меъда бударо*); ◊ **қайи занбӯр** асал, шаҳд.

**ҚАЙД** *а.* قید 1. *кит.* банд ва ресмоне, ки ба дасту пои одам ё ба пои ҳайвон мебанданд; банду баст; ҳабс, зиндон; дом, банд; *ба тариқи истиора*: **қайди ишқ, қайди нангу номус, қайди ғам, қайди ғаму ғусса; қайду банд // банду қайд** банд, дом; **дар қайд кашидан** бандӣ кардан, ба ҳабс гирифтан. 2. шарт, аҳд, паймон; **шарту қайд** шарту шароит, қавлу қарор. 3. дилбастагиҳое, ки одамро аз озодӣ нигоҳ медорад чун зану фарзанд, одоби зиндагии иҷтимоӣ *ва м. инҳо*; вобастагӣ, маҷбурият. 4. тазаккур, ёдоварӣ, гӯшзад, ёдрас, зикр; **қайд кардан даркор аст, ки...; бояд қайд кард, ки...** хотиррасон бояд кард, ки..., ба ёд овардан лозим аст, ки...; тазаккур бояд дод, ки..., **сазовори қайд шумурдан** қобили зикр донистан. 5. ёддошт, навиштаи мухтасар дар бораи чизе; **қайдҳои сафар** ёддоштҳои мухтасар дар бораи сафар; **дафтари қайдҳо** дафтари ёддоштҳо; дафтари фикру мулоҳизаҳо ва эродҳо. 6. сабти ном, ягон маълумот ё гузоштани ягон аломати

хаттӣ рӯбарӯи номи касе ё номгӯи чизе дар рӯйхат *ва г.* бо мақсади ҳисобгирӣ, ба эътибор гирифтан ё қонунӣ кардани амале, ба расмият даровардани ихтирое *ва м. инҳо*: **қайд кардани чиптаи мусофирон, аз қайд гузаштан, ба қайд гирифтан, ба қайд мондани воситаи нақлиёт**...; **қайди никоҳ** ба расмият даровардани ақди заношӯӣ дар идораи салоҳиятдор, ақди никоҳ; **шӯъбаи қайдҳо** а) шӯъбаи ба ҳисоб гирифтани мусофирон (*аз рӯи билеташон*), сабти номи меҳмонон дар меҳмонхонаҳо, шӯъбаи қабули беморон дар дармонгоҳҳо *ва г;* б) *киноя аз* идораи сабти аҳволи шаҳрвандон; **қайд кардан (намудан)** а) дарҷ кардан, навиштан, рақам кардан, сабт кардан; б) зикр кардан, гуфтан, хотиррасон кардан, ёдовар шудан; в) чорабиние гузарондан (*аз* қабили шабнишинӣ, вохӯрии як андоза хотирмон *ва г.*) ба муносибати рӯзи таваллуд, иду ҷашн ё ягон воқеаи назаррас; **қайд кунондан** а) *тарзи бавоситаи* **қайд кардан** (1, 2); б) *ниг.* **никоҳро қайд кардан**; **қайд шудан** *тарзи мафъулии* **қайд кардан** (1, 2); **никоҳро қайд кардан** ақди заношӯиро ба расмият даровардан, дар идораи салоҳиятдор ҳуҷҷати ақди никоҳро тартиб додан; **аз қайд баровардан** *тарзи бевоситаи* **аз қайд баромадан**; **аз қайд баромадан** аз ҳисоби истиқоматкунандагони манзиле ё аз ҳисоби комиссариати ҳарбӣ хориҷ шудан; **аз қайди никоҳ гузаштан** *ниг.* **никоҳро қайд кардан**; **дар қайди ҳаёт будан** *киноя аз* зинда будан.

**ҚАЙДГИР** قيدگير асбобе, ки чизеро устувору маҳкам мекунад; часпак.

**ҚАЙДКУНАНДА** قيدكننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **қайд кардан**; он ки ба қайд мегирад, сабти ном мекунад.

**ҚАЙДШУДА** قيدشده *сифати феълии замони гузашта аз* **қайд шудан**; касе ё чизе, ки сабти ном шудааст.

**ҚАЙЁР** *а.* قيار қирфурӯш, созанда ва фурӯшандаи қир.

**ҚАЙИМ** *а.* قيم 1. *кит.* нигаҳдор ва барподоранда. 2. *маҷ.* он ки ҳимоя, ғамхорӣ ва сарпарастии касе ё чизе ба ӯ супурда шудааст, сарпараст, васӣ.

**ҚАЙЛА** *а.* قيله [*аслаш* **қаля**] гӯшти қима ё маҳин резакардашуда, ки дар равған пухта ва сабзавоту кабудиҳои реза ҳамроҳ карда, ба болои оши тайёр мегузоранд; **хеши зан – қайла бизан, хеши шӯ – дегро бишӯ** (*мақ.*); **ба ҳар ош қайлаю ба ҳар коса чумча шудан** *ниг.* **қатиқ (ба ҳар ош қатиқ шудан); маза аз қайла рафтан** *маҷ.* дар вақташ илоҷ накардан, вақти чораҷӯиро гузарондан; **баъд аз табу тез қайла куну рез** *(мақ.) ниг.* **таб**.

**ҚАЙЛАДОН** قيله‌دان зарфе, ки дар он қайла нигоҳ дошта мешавад.

**ҚАЙМОҚ** *т.* قيماق 1. қабате, ки дар рӯи шир баъди дӯшида мондан пайдо мешавад, бастаи рӯи шир, саршир; **каймоқ бастан** дар рӯи шири дӯшида монда пайдо шудани қаймоқ. 2. *маҷ.* қисми нағз, бартар ва олии ҳар чиз; **қаймоқи меҳнат** ҳосили аълои меҳнат; маҳсули кор; ◊ **қаймоқи гап** мағзи гап, моҳияти сухан; гапи асосӣ; **қаймоқи суҳбатро чидан** моҳияти гапро фаҳмида гирифтан, мақсади асосиро дарк кардан; **қаймоқи** *чизеро* **хӯрдан** қисми беҳтарини чизеро аз худ кардан; нағз ва баргузидаи чизеро гирифтан; **суҳбат қаймоқ бастан** авҷ гирифтани суҳбат, гарму тафсон шудани суҳбат; дилнишину хушоянд шудани гап.

**ҚАЙМОҚАК** قيماقک 1. пардаи тунуки равғани рӯи шир. 2. пардаи тунуки рӯи чизе *(мас., об)*; **қаймоқак бастани (гирифтани) об** тунук ях бастани об, бо пардаи тунуки ях пӯшида шудани рӯи об.

**ҚАЙМОҚАКБАСТА** قيماقک‌بسته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **қаймоқак бастан**. 2. пардаи шири нав қаймоқакбаста, шири ба тозагӣ дар рӯи он қаймоқи тунук пайдошуда. 3. бо пардаи тунуки ях пӯшидашудаи об.

**ҚАЙМОҚӢ** قيماقى *мансуб ба* **қаймоқ**; қаймоқдор, бо қаймоқ омехта; **чойи қаймоқӣ** чойе, ки ба рӯи он қаймоқ андозанд.

**ҚАЙМОҚРАНГ** قيماق‌رنگ ранги ба қаймоқ монанд, зардчатоб, зардранг.

**ҚАЙМОҚЧОЙ** قيماق‌چاى *ниг.* **қаймоқӣ (чойи қаймоқӣ)**.

**ҚАЙМУМИЯТ** *а.* قيموميت *кит.* қайим будан; ҳомигӣ, сарпарастӣ, ғамхорӣ, нигоҳубин.

**ҚАЙОВАР** قى‌آور он чи боиси қай мешавад,

чизе, ки истифроғ ба амал меорад; доруи махсусе, ки истифроғ ба вуҷуд меорад.

**ҚАЙРОҒОЧ** *т.* قیراغاچ *бот.* сада, дарахти гуҷум.

**ҚАЙРОҚ** *т.* قیراق 1. санги калон-калони лӯнда, ки бо он кӯчаҳоро фарш мекунанд, қайроқсанг. 2. санги маъмулан дарозрӯяи начандон калон, ки бо он корд, теғ, дос *ва м. инҳоро* тез мекунанд, санги фасон; **қайроқ кардан (задан)** ба қайроқ молида тез кардани корд, теғ, дос *ва г.* 3. санги дарозрӯяи хурду борики раққосони қайроқбоз.

**ҚАЙРОҚБОЗ** قیراقباز раққосе, ки қайроқбозӣ мекунад.

**ҚАЙРОҚБОЗӢ** قیراقبازی навъи рақси классикӣ, ки дар он раққосон қайроқҳоро дар байни дастон ба ҳам зада, ба зарби он бозӣ мекунанд.

**ҚАЙРОҚӢ** قیراقی *мансуб ба* **қайроқ**; аз қайроқ сохташуда; **маҳсии қайроқӣ** маҳсии соқаш чилодор ва ялаққосӣ.

**ҚАЙРОҚСАНГ** قیراقسنگ *ниг.* **қайроқ**.

**ҚАЙСА** *т.* قیسه зардолуи хушк ва баргаки зардолуи буғдодашудаи хушк.

**ҚАЙСАР** *лот.* قیصر 1. *таър.* лақаби подшоҳони Рум дар замонҳои пеш. 2. *гуфт., маҷ.* якрав, якраҳа, саркаш, гарданшах.

**ҚАЙСАРӢ** قیصری якравӣ, гарданшахӣ, саркашӣ, инодкорӣ; худкомагӣ, худраъйӣ.

**ҚАЙТОН** *а.* قیطان 1. риштаи борику нозуки аз абрешим бофташуда, ки барои кашидани донаҳои тасбеҳ, зеҳи домону гиребон *ва г.* 2. хобида, қаткардашуда; **гиребони қайтон** гиребони қаткарда.

**ҚАЙЧИЗАДА** قیچیزده *сифати феълии замона гузашта* аз **қайчӣ задан**; бо қайчӣ буридашуда; кӯтоҳ кардашуда: **риши қайчизада**.

**ҚАЙЧӢ** *т.* قیچی олати дутеғаи ба ҳам пайвасте, ки бо он матоъ, коғаз, мӯй *ва г.* мебуранд, миқроз: **қайчии мӯйлабгирӣ, қайчии токбурӣ**; **қайчӣ кардан // қайчӣ задан** бо қайчӣ буридан.

**ҚАЙЮМ** *а.* قیوم 1. *кит.* поянда, пойдор, устувор; абадӣ. 2. *д.* яке аз номҳои Худо. 3. васӣ, парастор; ҳомӣ.

**ҚАЙЮМӢ** قیومی 1. *мансуб ба* **қайюм**. 2. вазифа ва кори қайюм. 3. васоят, парасторӣ.

**ҚАҚАР-ҚАҚАР** ققرققر 1. *калимаи тақлиди овоз, ки* бо он садои хониши кабк ва дигар мурғонро ифода мекунанд. 2. тарзи ханда, хандаи завқовар.

**ҚАҚА(Р)РОС** ققراس *калимаи тақлиди овози* хандаи баланд, қоҳ-қоҳ; **қақаррос зада хандидан** ба овози баланд хандидан.

**ҚАҚНУС** *ю.* ققنوس *асот.* мурғи хушрангу хушовозе, ки гӯё 1000 сол умр мебинад, дар минқораш 360 сӯрох дорад ва дар муқобили бод нишаста, садоҳои аҷибу дилкаше мебарорад, ки боиси ҷамъ гардидани дигар парандагон мегардад, ҷуфт надорад ва худро дар охири умраш оташ мезанад ва аз хокистараш тухм ва насли нав пайдо мегардад.

**ҚАЛАҚ** *а.* قلق *кит.* беқарорӣ, ноороми, ташвиш; тарсу ларз, изтироб.

**ҚАЛАМ** I *а.* قلم 1. афзорест найин, чӯбин ё филизӣ, ки ба воситаи он хат менависанд, хома, килк; **қалами абрӯ** қалами махсус барои ороиши абрӯи занон; **қалами мӯин** *ниг.* **мӯ(й)қалам; қалами нақшакашӣ** қалами филизӣ, ки нӯги дулабаи он ғафсу борик карда мешавад; **қалами ранга** қалами расмкашӣ, ки одатан дар қуттие иборат аз якчанд қалами гуногунранг мебошад; **қалами худкор** навъи қалам, ки дар вақти навиштан рангаш худ аз худ ба нӯги он меояд; **қалами худнавис** қалами худкор. 2. афзори сангтарош, ки бо он сангро ҳамвор ва дар рӯи он хат ва нақшҳо меканад: **қалами сангтарошӣ, қалами ҳаккокӣ**. 3. *маҷ.* қобилияти навиштан; лаёқати нависандагию шоирӣ; тарзи таълиф, тариқи иншо; **бо қалам** бо қаламкашӣ; бо фаъолияти нависандагию шоирӣ; **қалам доштан** қобилияти таҳрир доштан, қодир ба навиштан будан; **қалам кашидан** а) хат кашидан ба зер ё болои навиштае (*бо мақсади таъкид ё таҳрир*); б) **хати бутлон кашидан** ботил кардан, кӯр кардан чизеро; **қалами бурро (ё тез) доштан** тезу тунд навишта тавонистан, таъсирнок будани навиштаҳои касе; **қалам аз тасвири**

*чизе* **оҷиз будан** барои тасвири чизе сухан наёфтан; дар баёни хубии чизе оҷизӣ кардани сухан; **ба даст қалам гирифтан** а) омодаи хатнависӣ шудан, хат навиштанӣ шудан; б) *киноя аз* нависанда шудан; **аҳли қалам** онҳое, ки бо қалам сару кор доранд, қаламкашон, нависандагону шоирон, рӯзноманигорон; **нештари қалам** *киноя аз* сухани тезу тунд, забони таъсирнок; **сипоҳи қалам** *ниг.* **аҳли қалам; қалам рондан** *киноя аз* **навиштан**; **аз қалам афтодан** фаромӯш шудани чизе дар вақти навиштан; фаромӯш шуда ба қайд ё рӯйхат надаромадани чизе; **ба қалам додан** дигар хел карда нишон додан; **ба қалам овардан** ба риштаи таҳрир кашидан, навиштан; **арбоби қалам** *ниг.* **аҳли қалам; рафъи қалам** бартараф кардани ҳукм, бекор кардани мукаллафиятҳо; **қалами оҳанӣ** қаламе, ки нӯгаш аз оҳан аст; **қалами афшон** қаламе, ки барои афшондани ҳали зар ва нуқра аст, қалами тиллокорӣ; **қалами қудрат** қалами ҳукми парвардигор, қалами офариниш; **қалами пар** қаламе, ки аз пари мурғон месохтанд; **қалами шикаста** як навъ хати қадими борик аст, ки Абдулмаҷиди Дарвешро (*давраи сафавия*) ислоҳгари он медонанд; **қалами настаълиқ** а) навъи хат аст, ки аз хати насх ва таълиқ пайдо шудааст; б) қаламест, ки барои навиштани хати настаълиқ махсус гашта буд, ба монанди **қалами сулс, қалами таълиқ, қалами насх; қалами шингарф** қаламе, ки бо ранги сурхи сурбомехта менависад; **қалами даст** устухони даст, устухони оринҷ; **қалами по** устухони рон, устухони по (*аз буҷул то зону*).

**ҚАЛАМ** II *а.* قلم 1. як пораи ба дарозияш буридаи харбуза ва тарбуз, карч, тилим. 2. буридан, пора кардан; **қалам кардан** а) буридан чизеро аз қадаш (*шохи дарахт, ё даст ва ангушти касро*), ду пора кардани чизе бо зарби теғ; б) бӯлак-бӯлак кардан; карч кардан (*харбуза ё тарбузро*); **қалам-қалам кардан** пора-пора кардан, тикка-тикка кардан; карч кардан.

**ҚАЛАМА** I قلمه 1. ходачае, ки дар дохили девори биноҳои чӯбкорӣ рост мегузоранд. 2. усули ба муқобили зилзила устувори бинософӣ, ки тибқи он тарҳи асосии бино аз чӯб сохта мешавад. 3. *кишов.* бахше аз соқа, барг ё решаи як гиёҳ, ки аз он ҷудо карда барои сабзонда ва реша давондан дар шароити мусоиде нигаҳдорӣ мешавад.

**ҚАЛАМА** II قلمه *гуфт., ниг.* **қалам**.

**ҚАЛАМАНДОЗ** قلم‌انداز касе, ки дар ҳусни хат саъю кӯшиш надорад, касе, ки сарсарӣ ва бедиққат менависад.

**ҚАЛАМБАДАСТ** قلم‌بدست *ниг.* **қаламдаст**.

**ҚАЛАМБАНД** قلم‌بند 1. созандаи мӯқалам, ки бо он наққошӣ мекунанд. 2. он чизе, ки мавриди таҳрир қарор гирифта бошад.

**ҚАЛАМВОР** قلم‌وار ба монанди қалам, ба кирдори қалам, мисли қалам.

**ҚАЛАМГИР** قلم‌گیر ангушт (*ки қаламро ба худ мегирад*); **се қаламгир** *киноя аз* се ангушти дасти рост – ибҳом, шаҳодат ва васатӣ, ки ҳангоми навиштан қаламро медоранд.

**ҚАЛАМДАСТ** قلم‌دست он ки бо қалам кор мекунад (*хаттот, наққош, нависанда*); дабир, котиб, нависанда, муҳаррир.

**ҚАЛАМДИДА** قلم‌دیده навишташуда, навишта.

**ҚАЛАМДОД** قلم‌داد **:қаламдод кардан** ба қалам додан, чизеро ба сифати чизи дигар нишон додан.

**ҚАЛАМДОН** قلم‌دان қуттии дарозрӯяи махсусест, ки дар он қалам, қаламтарош *ва г.* нигоҳ медоранд.

**ҚАЛАМДОР** قلم‌دار *ниг.* **соҳибқалам**.

**ҚАЛАМЗАДА** قلم‌زده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **қалам задан**; хати бутлон кашида, кӯркарда; бо қалам ислоҳкарда: **хати қаламзада**. 2. **матои қаламзада** матое, ки барои зардӯзӣ ва дигар ороишҳои зинатӣ нақши он бо қалам кашида шудааст.

**ҚАЛАМЗАН** قلم‌زن 1. нависанда. 2. дабир, муҳаррир. 3. нақшкан.

**ҚАЛАМЗАНӢ** قلم‌زنی *исми амал аз* **қалам задан** 1. таҳрир кардан, ислоҳ кардани навиштаҳо. 2. кандакорӣ, кандани нақшҳо дар филизот.

**ҚАЛАМИБОФ** قلمی‌باف бофандае, ки қаламӣ мебофад.

**ҚАЛАМӢ** قلمی 1. *мансуб ба* **қалам**; навишторӣ. 2. як навъ алочаи одии ресмонӣ, ки нақшҳои

борик дорад; кашида ва борик.

**ҚАЛАМКАШ** قلم‌کش 1. касе, ки тарҳи кашида ва дигар гулдӯзиҳоро бо қалам рӯи пораи матоъ кашида медиҳад. 2. он ки бо қаламронӣ машғулӣ дорад (*мас., рассом, нависанда, рӯзноманигор...*); ◊ **қаламкаши азал** (*сифати Худо*).

**ҚАЛАМКАШӢ** قلم‌کشی *исми амал аз* **қалам кашидан**; касб ва шуғли қаламкаш.

**ҚАЛАМКИРДОР** قلم‌کردار *кит.* ба монанди қалам, мисли қалам, қаламвор.

**ҚАЛАМКОР** قلم‌کار газворе, ки дар рӯи он бо афзорҳои чӯбии дастӣ нақшу нигор чоп мекунанд.

**ҚАЛАМКОРӢ** قلم‌کاری наққошӣ; кандакорӣ рӯи филизот, санг, чӯб *ва г.,* ҳаккокӣ.

**ҚАЛАМҚАТ** قلم‌قت қаламтезкуни устухонӣ (*барои найқалам*).

**ҚАЛАМҚОШ** قلم‌قاش 1. қаламе, ки бонувон барои зебу ороиши абрӯ ба кор мебаранд. 2. абрӯи зебои қаламқошшуда. 3. *маҷ.* зани зебоабрӯ.

**ҚАЛАМРАВ** قلمرو кишвар ва мулки тобеъ ба фармони як подшоҳ, минтақаи ҳукмронӣ, мулк, мамлакат.

**ҚАЛАМРАФТА** قلم‌رفته тақдиршуда, сарнавиш--таш муайянгашта.

**ҚАЛАМРОН** قلم‌ران 1. офаридгор. 2. қазо, тақдир, сарнавишт. 3. *ниг.* **қаламзан**.

**ҚАЛАМРОНӢ** قلم‌رانی **:қаламронӣ кардан** *киноя аз* навиштан.

**ҚАЛАМТАРОШ** قلم‌تراش кордчае, ки бо он нӯги қаламро тарошида, тез мекунанд.

**ҚАЛАМТАРОШАК** قلم‌تراشک *ниг.* **қаламтарош**.

**ҚАЛАМФАРСО** قلم‌فرسا 1. бешнавис, муфассалнавис. 2. *маҷ.* он ки беҳуда қалам меронад, беҳуданавис, ҳарзанавис.

**ҚАЛАМФАРСОӢ** قلم‌فرسایی шуғл ва амали қаламфарсо.

**ҚАЛАМФУР** *ҳ.* قلمفور *ниг.* **қаранфул**.

**ҚАЛАМФУРДОН** قلمفوردان зарфи махсус барои нигоҳ доштани қаламфур; зарфи хурде, ки ба он қаламфури кӯфтаро рехта, ба рӯи дастархон мегузоранд.

**ҚАЛАМФУРӢ** قلمفوری *мансуб ба* **қаламфур**; бо қаламфур тайёр кардашуда; **араќи қаламфурӣ** араќе, ки таъми қаламфур дорад.

**ҚАЛАМЧА** قلمچه *бот.* навдаи буридаи дарахт (*ток, бед, сафедор*) ва растанӣ (*гулҳо*), ки барои шинондан ва парвариш кардан ба кор мебаранд.

**ҚАЛАМЧАГӢ** قلمچگی навдаи мувофиқ ба шинондан ва парвариш кардан, навдаи хубу мувофиқ барои қаламча.

**ҚАЛАМЧАРО** قلم‌چرا хати нозебу норавшан, ки хонданаш душвор аст.

**ҚАЛАМЧАШИНОНӢ** قلمچه‌شنانی амали шинондани қаламча: **вақти қаламчашинонӣ**.

**ҚАЛАМҶАДВАЛ** قلم‌جدول 1. қаламе, ки бо он ҷадвал кашанд, хомаи ҷадвалкашӣ. 2. *киноя аз* росту дуруст кору рафтор кардан.

**ҚАЛАНДАР** قلندر 1. пайрави қаландария. 2. *маҷ.* касе, ки побанди хӯроку пӯшок ва дар қайди такаллуфот нест; дарвеши оворагард; фақир, бенаво; **гӯр сӯзаду деги қаландар ҷӯшад** (*мақ.*) дар мавриди маннфиати худро аз зарари дигарон болотар донистани касе гуфта мешавад; **як мавизро чил қаландар хӯрдааст** (*мақ.*) дар мавриди кам будани хӯрданию зиёд будани хӯранда ҳамчун даъват ба қаноат гуфта мешавад.

**ҚАЛАНДАРБАЧА** قلندربچه 1. фарзанди қаландар. 2. бачае, ки қаландарӣ мекунад.

**ҚАЛАНДАРИЯ** قلندریه тоифае дар тасаввуф, ки асоси таълимоти онҳоро тарки русуму одоби ҷорӣ – беқайдӣ дар тоату ибодат, дар пӯшоку хӯрок ва кӯчиёна умр ба сар бурдан ташкил медиҳад.

**ҚАЛАНДАРӢ** قلندری *мансуб ба* **қаландар**. 1. пайравӣ аз қаландария. 2. *маҷ.* оворагардӣ, фақирӣ; бепарвоӣ.

**ҚАЛАНДАРМАШРАБ** قلندرمشرب 1. он ки қаландариро маслаки худ қарор додааст. 2. қаландартабиат, қаландармизоҷ; озод аз тааллуқ ва такаллуфоти зиндагӣ.

**ҚАЛАНДАРНАМО** قلندرنما зоҳиран монанд ба қаландар.

**ҚАЛАНДАРОНА** قلندرانه 1. чун қаландарон, мисли қаландарҳо. 2. озод ва бепарво аз таалluқоти зиндагӣ.

**ҚАЛАНДАРХОНА** قلندرخانه хонақоҳи қаландарон, ҷои ҷамъомади қаландарон, ки дар он иқомат ва маросимҳои худро ба ҷо меоранд.

**ҚАЛАНСУВА** *а.* قلنسوه *кит.* навъе аз кулоҳҳои дароз.

**ҚАЛАНФУР** قلنفور *ниг.* **қаранфул**.

**ҚАЛБ** I *а.* قلب 1. узви марказии низоми гардиши хун дар бадани инсон ва ҳайвонот, дил; *ба тариқи истиора*: **хонаи қалб, шишаи қалб**. 2. *маҷ.* ботин, замир. 3. *маҷ.* миёна, васат, марказ: **қалби дара, қалби кӯҳ, қалби кӯҳсорон; қалби лашкар** қувваи асосии лашкар, ки дар миёна ҷой мегирад; **аз самими қалб** аз таҳи дил, аз сидқи дил, бо камоли майл; **аз қалби пок (ё соф)** *ниг.* **аз самими қалб; бо қалби шикаста** маъюсона, маҳзунона; **қалби** *касе* **аз задан мондан** вафот кардан, аз олам гузаштан; **қалби** *касе* **нарм гардидан** бедор шудани ҳисси раҳм дар касе; **қалби** *касеро* **об кардан** *ниг.* **дил(-и** *касеро* **об кардан); қалби** *касе* **тапидан** ба изтироб афтодан; ҳаросон шудан; **қалби** *касеро* **шикастан** *ниг.* **дил; қуввати қалб ёфтан** қавидил шудан, ҷуръат пайдо кардан; **ба қалби якдигар роҳ ёфтан** якдигарро дӯст доштан, ошиқи якдигар шудан; ◊ **ба қалби реш-реши** *касе* **намак пошидан (***ё* **намакпошӣ кардан)** дарду ғами касеро афзун кардан; *муқ.* **ба болои сӯхта – намакоб; ба қалби сӯзони** *касе* **об пошидан** оташи ишқу муҳаббати касеро фурӯ нишондан; дили касеро аз худ хунук кардан; *муқ.* **ҳаври дили** *касеро* **паст кардан; дар дили** *касе* **ҷо шудан** ба касе ошиқ шудан, касеро сахт дӯст доштан; **то қалб дар задан будан** то зинда будан, тамоми умр.

**ҚАЛБ** II *а.* قلب 1. *кит.* дигаргун кардан, тағйир додан; вожгун кардан, чаппагардон кардан. 2. қалбакӣ, носара, сохта, тақаллубӣ: **пули қалб, сиккаи қалб**. 3. *адш.* яке аз санъатҳои лафзӣ, ки дар натиҷаи аз охир, яъне чаппа хондан калимаву таркибе ё тамоман байте пайдо мешавад, *мас.,* зор – роз, реш – шер; **дасти** *касе* **қалб будан** *киноя аз* дузд ва қаллоб будан.

**ҚАЛБАКӢ** قلبکی носара, сохта, тақаллубӣ; **пули қалбакӣ** пули сохта, пули носара; **ҳуҷҷати қалбакӣ** ҳуҷҷати сохта.

**ҚАЛБАН** *а.* قلباً 1. дар дил. 2. аз таҳи дил, сидқан. 3. ботинан, рӯҳан, маънаван.

**ҚАЛБГОҲ** قلبگاه маркази лашкар, миёнаи сипоҳ.

**ҚАЛБДАСТ** قلبدست қаллоб; одати дуздӣ дошта.

**ҚАЛБӢ** I قلبی 1. *мансуб ба* **қалб** I; ботинӣ, рӯҳӣ. 2. *маҷ.* самимӣ, аз таҳи дил; **муносибати қалбӣ** *киноя аз* муносибати маҳрамона, робитаи ишқӣ.

**ҚАЛБӢ** II قلبی *кит.* қалб будани чизе, носарагӣ.

**ҚАЛБКОР** قلبکار 1. коре, ки дар он қаллобӣ ва сохтакорӣ шудааст. 2. қаллоб, сохтакор, касе, ки бо қаллобӣ кор пеш мебарад.

**ҚАЛБКОРӢ** قلبکاری 1. тақаллуб, сохтакорӣ. 2. бо тақаллуб ва сохтакорӣ машғул будан.

**ҚАЛЁН** قلیان василае барои кашидани тамоку, ки дуди он аз махзани об мегузарад ва ба воситаи найи чӯбин ба боло кашида мешавад.

**ҚАЛИЛ** *а.* قلیل андак, кам, каммиқдор; *муқоб.* **касир**.

**ҚАЛИН** قلین маблағе, ки вақти никоҳ ба зиммаи мард гузошта мешуд, маблағе, ки тарафи домод ба тарафи арӯс мепардозад, маҳр, кобин: **қалин додан, қалин гирифтан**.

**ҚАЛЛОБ** *а.* قلاب 1. он ки чизи носараро ба ҷои сара медиҳад; сохтакор, мутақаллиб. 2. *маҷ.* фиребгар, нодурусткор; чапдаст.

**ҚАЛЛОБӢ** قلّابی 1. қаллоб будан; сохтакорӣ. 2. *маҷ.* фиребгарӣ, нодурусткорӣ; чапдастӣ.

**ҚАЛЛОБОНА** قلابانه сохтакорона; фиребгарона.

**ҚАЛЛОҚ** *т.* قلاق чӯби қадаш қариб ду метр ва ғафсиаш баробари каланддаста, ки дар шиннӣ ва шираворпазӣ барои ба ҳам зада пазондани шира кор фармуда мешавад; чӯби панҷшохамонанди бепанҷа, ки бо вай монанди ҳариса таомҳоро омезиш медиҳанд: **қаллоқ задан**.

**ҚАЛЛОҚЗАНӢ** قلاقزنی *исми амал аз* **қаллоқ задан**; бо қаллоқ задани чизҳои ҳарисамонанд.

**ҚАЛЛОШ** *а.* قلاش *кит.* 1. бенангу номус; айёш, сарсаригард. 2. муфлис, қашшоқ.

**ҚАЛМОҚ** *т.* قلماق шасти моҳигирӣ, чангак.

**ҚАЛМОҚӢ** قلماقی усуле дар гӯштингирӣ.

**ҚАЛОВУЗ** *т.* قلاوز *кит.* пешрави лашкар, роҳнамо, роҳбалад; посбон ва муҳофизи лашкар.

**ҚАЛОДА** *а.* قلاده *ниг.* **қилода**.

**ҚАЛОҚ** I *т.* قلاق *гуфт.* чирки хушкшудаи бинӣ; чирк; **қалоқ бастан** ниҳоят чиркин шудан.

**ҚАЛОҚ** II *т.* قلاق *гуфт.* навъи алафи худрӯе, ки то сабзидани алафи нав нест намешавад.

**ҚАЛОҚБАСТА** قلاقبسته *сифати феълии замони гузашта аз* **қалоқ бастан**; чиркбаста, ниҳоят чиркин.

**ҚАЛПОҚ** *т.* قلپاق тоқӣ, тӯппӣ; каллапӯш.

**ҚАЛПОҚДӮЗ** قلپاقدوز дӯзандаи қалпоқ, тоқидӯз, тӯппидӯз.

**ҚАЛТАБОН** قلتبان нокас, разил, нобакор; дайюс, далла; беномус.

**ҚАЛТУС** *т.* قلتوس *гуфт.* эҳтимоли оқибати бад дошта, хатарнок; **саволи қалтус** саволи ниҳоят нозук, ки эҳтиёткорона ҷавоб доданро талаб мекунад; **ҳазли қалтус** ҳазлу шӯхии бисёр нозук, ки боиси ранҷиш шуданаш мумкин аст.

**ҚАЛЪ** *а.* قلع *кит.* решакан кардан, аз бех кандан, тамоман нест кардан.

**ҚАЛЪА** *а.* قلعه ҳисор бо деворҳои баланду ғафс ва бурҷҳои мустаҳкам, ки барои муҳофизат аз душман ва муқовимат ба он сохта шудааст, диж: **қалъаи вайрона, қалъаи кӯҳна, қалъаи қадимӣ, қалъаи мустаҳкам, қалъаи оҳанин, қалъаи пӯлодӣ, қалъаи ҷангӣ, қалъа сохтан, қалъаро фатҳ кардан;** *ба тариқи истиора:* **қалъаи амнияти ватан, қалъаи асрор фатҳ кардан, қалъаи зулму занҷири ситам шикастан, қалъаи ситаму зулм кардан, дар давру бари қалъаи ум(м)ед пир шудан, қалъаи бахт дар надорад; қалъаи дарунӣ** қалъаи хурд дар миёни қалъаи калон, арки шоҳу ҳокимнишин; **қалъаи обӣ** *киноя аз* ҷое, ки атрофи онро об қалъавор печонда гирифтааст.

**ҚАЛЪААНДУДӢ** قلعهاندودی қалъагӣ давондан, сафедкорӣ кардан, нуқраранг кардан.

**ҚАЛЪАБАНДӢ** قلعهبندی 1. қалъасозӣ, истеҳкомот бунёд кардан: **қалъабандӣ кардан**. 2. *мус.* номи оҳанг ва суруде.

**ҚАЛЪАВОР** قلعهوار монанди қалъа, шабеҳи қалъа, ба шакли қалъа.

**ҚАЛЪАГӢ** I قلعگی филизи нуқраранги вазнин ва нарми ёзанда, қалъӣ (*аломати химиявиаш* Sn).

**ҚАЛЪАГӢ** II قلعگی *мансуб ба* **қалъа**; **қалъагиён** сарбозон ва дигар аҳолии дар қалъа қароргирифта, қалъанишинон.

**ҚАЛЪАДОР** قلعهدار *кит.* он ки нигаҳбонӣ ва ҳимояи қалъа ба ӯ супурда шудааст, дижбон, кутвол.

**ҚАЛЪАКӮБ** قلعهکوب вайронкунандаи қалъа; қалъашикан; **тӯби қалъакӯб** номи навъе аз тӯбҳои қадимӣ, ки истеҳкомҳои қалъаро вайрон мекард.

**ҚАЛЪАМОНАНД** قلعهمانند ба қалъа монанд, шабеҳи қалъа.

**ҚАЛЪАРАВ** قلعهرو ба қалъа рафтуойкунанда.

**ҚАЛЪАСОЗ** قلعهساز устое, ки ҳунари қалъасозӣ дорад.

**ҚАЛЪАСОЗӢ** قلعهسازی бино кардани қалъа, бунёд кардани ҳисор; истеҳкомсозӣ.

**ҚАЛЪАҲАВЛӢ** قلعهحولی ҳавлию ҷой, ки монанди қалъа бо деворҳои баланд иҳота карда шудааст.

**ҚАЛЪАЧА** قلعهچه қалъаи хурд.

**ҚАЛЪАЧӢ** قلعهچی *кҳн.* савдогаре, ки пеш аз истиллои Осиёи Миёна бо Русияи подшоҳӣ робитаи тиҷоратӣ дошт.

**ҚАЛЪӢ** قلعی *ниг.* **қалъагӣ** I.

**ҚАЛЯ** *а.* قلیه *ниг.* **қайла**.

**ҚАМАР** قمر 1. моҳ, маҳ; **қамари сунъӣ** радифи маснӯъ, ҳамроҳи сунъии сайёрае. 2. *маҷ.* маҳбубаи зебо, дилбари хушрӯй.

**ҚАМАРИН** قمرین *ниг.* **қамарӣ**.

**ҚАМАРӢ** قمری *мансуб ба* **қамар; соли қамарӣ** соле, ки мувофиқи тақвими расмии мусулмонӣ (*солшумории қамарии ҳиҷрӣ*) аз рӯи гардиши моҳ ба даври Замин ба 354 рӯз баробар аст.

**ҚАМАРМАНЗАР** قمرمنظر *кит.* моҳпайкар, моҳрӯй, хушрӯй.

**ҚАМАРСО** قمرسا *кит.* қамарсой, моҳсой; **қамарсо шаб** *киноя аз* мӯй ва зулфи сиёҳи бар рухсора овезони маҳбуба.

**ҚАМАРУЛМУҚАННАЪ** *а.* قمرالمقنع моҳи Нахшаб, моҳи сунъие, ки бо ёрии оинаву нури моҳ Муқаннаъ гӯё барои даъвои пайғамбарӣ дар Нахшаб (*наздики Бухоро*) сохта будааст.

**ҚАМАРҶАБИН** قمرجبین он ки пешонааш монанди моҳ нурбахш ва зебо аст, маҳҷабин

**ҚАМИС** *а.* قمیص *кит.* курта, пероҳан.

**ҚАМИШ** قمیش най, найқамиш.

**ҚАМИШӢ** قمیشی *мансуб ба* **қамиш**; аз қамиш сохташуда: **каппаи қамишӣ, козаи қамишӣ**.

**ҚАМИШЗОР** قمیشزار ҷое, ки қамиш фаровон мерӯяд.

**ҚАМИШКАППА** قمیشکپّه чайлаи аз қамиш сохташуда, каппаи қамишӣ.

**ҚАМЧИН** *т.* قمچین олати аз пӯсти ҳайвон (*буз, гӯсфанд*) бофта барои рондани асп, тозиёна: **дастаи қамчин, зарби қамчин, бо қамчин задан; қамчин задан** бо тозиёна задан; **қамчин хӯрдан** бо қамчин зада шудан; **ду-се қамчин фуровардан** ду-се бор бо тозиёна задан; **асп агар оҳу бувад, қамчин дар паҳлу бувад** (*зарб.*); **аз қамчини** *касе* **хун чакидан** ниҳоят бераҳму золим будан; **асп агар нағз аст, як қамчин бас аст // ба (ё баҳри) аспи нағз як қамчин бас аст** (*мақ.*) ба одами бофаҳму бофаросат як ишора кофист; **чанд қамчин нарасидан** каме беақлу бефаҳм будан.

**ҚАМЧИНАК** قمچینک пои борики ришта-монанди баъзе ҷонварони якҳуҷайра.

**ҚАМЧИНБОФ** قمچینباف он ки касбу кори вай бофта тайёр кардани қамчин аст.

**ҚАМЧИНБОФӢ** قمچینبافی шуғли бофтану тайёр кардани қамчин.

**ҚАМЧИНБӮТТА** قمچینبتّه *бот.* навъе аз алафи худрӯи бисёрсола, ки барои бастани хӯшаҳои ангур, бастани банди алаф ва инчунин дар тиб барои равондани санги пешобдон истифода мебаранд.

**ҚАМЧИНДАСТА** قمچیندسته дастаи аз чӯб ё чизи дигари сахт сохтаи қамчин.

**ҚАМЧИНЗАНӢ** قمچینزنی *ниг.* **қамчинкорӣ**.

**ҚАМЧИНКОРӢ** قمچینکاری бо қамчин зада ҷазо додан; бо тозиёна кӯфтан: **қамчинкорӣ кардан**.

**ҚАМЧИНКӮБ** قمچینکوب **:қамчинкӯб кардан** бо қамчин задан, бо тозиёна кӯфтани касе ё чизе.

**ҚАМЧӢ** قمچی *ниг.* **қамчин**.

**ҚАНБИЛ//ҚАНБИЛА** قنبیل//قنبیله гарди меваи қанбил ном дарахти ҳиндӣ, ки дар тибби қадим ба кор мерафт.

**ҚАНД** *а.* قند 1. моддаи сахти ширин, ки аз қиёми шираи найшакар ва лаблабуи қанд ҳосил мешавад: **қанди коғазпеч, қанди сафед, як лӯнда қанд**; ширинӣ, ширавор; **қанду курс** *ниг.* **курс**. 2. *маҷ.* ширинӣ, ҳаловат, лаззат; **бемории қанд** *ниг.* **диабет** (*диабети қанд*); **қанд барин пул кардан** ба пули зиёд фурӯхтан; бо фоидаи хуб ба фурӯш расондан; **қанд карда додан** а) андак чашида, баъд ба касе додани чизе, ки гӯё пас аз ин ширину гуворо мешуда бошад; б) чилими нав даргирондаро андак кашида, сердуд карда ба касе додан; **қанд зан // қандата зан** *гуфт.* офарин!, боракалло!; ҳалолат бод!; **қандатро хӯр // қандашро хӯрад** *ниг.* **қанд зан**.

**ҚАНДАК** قندک навъе зардолу, ки хурд ва хеле ширин мешавад.

**ҚАНДАЛОТ** قندلات навъи ширинии дона-дона, ки аз қиёми омехта бо хамиру мағзи бодом, зардолу *ва г.* тайёр мекунанд; **қанду қандалот** *ниг.* **қанд**.

**ҚАНДАЛОТФУРӮШ** قندلاتفروش фурӯшандаи қандалот, шираворфурӯш.

**ҚАНДАЛОТФУРӮШӢ** قندلاتفروشی дӯкон ё растае, ки дар он ширавор мефурӯшанд.

**ҚАНДДОН** قنددان зарф барои қанд.

**ҚАНДДОР** قنددار қанддошта; ширин; **моддаҳои қанддор** моддаҳои дар таркибашон қанд мавҷудбуда.

**ҚАНДИЛ** *ю.* قنديل шамъдон ё чароғдони калони овезон аз сақф, чароғи овезон, чилчароғ.

**ҚАНДИЛӢ** I قنديلى *мансуб ба* **қандил; шамъи қандил** шамъе, ки дар қандил мегузоранд.

**ҚАНДИЛӢ** II قنديلى яке аз усулҳои гӯштин, ки ҳарифон аз китфи якдигар мегиранд.

**ҚАНДИН** قندين қанддор, қандомехта, ширин; **кулчаи қандин (қандӣ)** нони равғании ширин.

**ҚАНДӢ** قندى *ниг.* **қандин**.

**ҚАНДНОКӢ** قندناكى дараҷаи мавҷудияти қанд дар ягон модда, ширинӣ: **қанднокии лаблабу**.

**ҚАНДОБ** قندآب оби ширин; шарбат.

**ҚАНДПАЗ** قندپز он ки бо пухтану тайёр кардани қанд машғул аст, қаннод.

**ҚАНДПАЗӢ** قندپزى бо пухтану тайёр кардани қанд машғул будан, қаннодӣ.

**ҚАНДПОРА** قندپاره қанди сафеди шикаста; қандреза.

**ҚАНДРЕЗА** قندريزه қанди сафеди майда-майдашуда.

**ҚАНДФУРӮШ** قندفروش фурӯшандаи қанд.

**ҚАНДФУРӮШӢ** قندفروشى 1. *исми амал аз* **қанд фурӯхтан**; фурӯши қанд. 2. дӯкон ё растае, ки дар он қандҳои гуногун мефурӯшанд.

**ҚАНДХӮ** قندخو *кит.* он ки рафтораш дилписанд аст, хушрафтор, хушхулқ.

**ҚАНДЧОЙ** قندچاى чойи бо қанд, чойи қанд андохташуда, чойи ширин.

**ҚАНДШИКАН** قندشكن болғачаи махсус барои майда кардани қанди лӯнда; қайчии қандмайдакунак.

**ҚАНДШИКАНАК** قندشكنك *ниг.* **қандшикан**.

**ҚАННОД** *а.* قنّاد *ниг.* **қандпаз**.

**ҚАННОДӢ** قنّادى 1. шуғли қандфурӯшӣ; ширaворпазӣ; ҳалвогарӣ. 2. ҷои қандфурӯшӣ; **корхонаи қаннодӣ** корхонаи ширaворпазӣ; **мағозаи қаннодӣ** мағозаи махсуси қандфурӯшӣ.

**ҚАНОАТ** *а.* قناعت хурсанд ва розӣ будан ба он чи ҳаст, басанда донистани чизи андак; ризомандӣ; **бо қаноат** а) ба чизи андак қонеъ шуда, ба он чи ҳаст, розӣ шуда; б) сарфакорона, сарфаҷӯёна; в) *маҷ.* бо боварӣ, бо итминон; **қаноат доштан** а) *ниг.* **қаноат кардан**; б) *маҷ.* тоқат доштан, таҳаммул кардан, бардошт намудан; **қаноат кардан (намудан)** а) қонеъ шудан ба миқдори ками чиз, хурсанд ва розӣ будан ба он чи ҳаст; б) басанда ва кофӣ шумурдан чизеро, кифоя донистан кореро, иктифо кардан ба чизе; **қаноат ҳосил кардан (намудан)** а) қонеъ (ризоманд) шудан; б) боварӣ пайдо кардан, итминон ҳосил кардан, мутмаин шудан; **дар курсии қаноат нишастан** *киноя аз* қаноат ҳосил кардан, қонеъ шудан; боварӣ пайдо кардан; **қаноат кунон(и)дани ҳавас ва шавқи** *касе* ба амал баровардан ё иҷро кардани шавқу ҳаваси касе; мувофиқ омадани чизе ба шавқу ҳаваси касе.

**ҚАНОАТБАХШ** قناعت‌بخش 1. он чи тарафи дахлдорро розӣ карда метавонад, қонеъкунанда: **тафсилоти қаноатбахш, қаноатбахш кор кардан, кореро қаноатбахш ҳисоб кардан; ҷавоби қаноатбахш** ҷавобе, ки суолдиҳандаро қонеъ ва розӣ кунонида метавонад. 2. пасттарин баҳои мусбат ба дониши мактабиён аст, ки ифодаи рақамии он адади 3 мебошад.

**ҚАНОАТБАХШАНДА** قناعت‌بخشنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **қаноат бахшидан**; қонеъсозанда.

**ҚАНОАТБАХШО** قناعت‌بخشا *сифати феълии замони ҳозира аз* **қаноат бахшидан**; чизе ё касе, ки боиси қаноатмандӣ аст, қонеъкунанда.

**ҚАНОАТКОР** قناعت‌كار 1. қонеъшаванда ба он чи ҳаст; розӣ ва мамнун аз он чи дастрас аст. 2. сарфаҷӯй.

**ҚАНОАТКОРОНА** قناعت‌كارانه бо қаноат ба чизи андак, бо чизи кам қонеъ ва розӣ шуда; **қаноат кунон(и)дан** а) *тарзи бавоситаи* **қаноат кардан**; қонеъ кардан, розӣ кунонидан, ризоманд намудан; б) бовар кунонидан, мутмаин сохтан.

**ҚАНОАТМАНД** قناعتمند қонеъ, розӣ, хушнуд аз он чи ҳаст.

**ҚАНОАТМАНДӢ** قناعتمندی қаноатманд будан, қонеъ будан, розигӣ ва хушнудӣ аз коре, кофӣ ва басанда донистан коре ё чизеро; **бо қаноатмандӣ** хушнудона.

**ҚАНОАТМАНДОНА** قناعتمندانه бо қаноатмандӣ, бо розигӣ ва хушнудӣ, ризоятмандона, бо хушнудӣ ва ризоят; **бо камоли қаноатмандӣ** бо ниҳояти хушнудӣ.

**ҚАНОАТПЕША** قناعتپیشه он ки қаноатро пеша ва шуғли худ қарор диҳад; қонеъ, хурсанд; розӣ ба чизе, ки муяссар гардад.

**ҚАНОАТТАЛАБӢ** قناعتطلبی талабгори қонеъ гардондани даъвову хоҳиш будан, қаноатхоҳӣ.

**ҚАНОР** *т.* قنار халтаи аз ҷувол калон, ки дар он пахта, коҳ ва дигар чизҳои сабук меандозанд: **қанори пахта; қанор кардан** дар қанор ҷой кардан, ба қанор андохтан; **бе қанор кашондан (-и пахта)** тарзи дар қанорҳо ҷо накарда якбора аз хирманҷо ба мошин бор карда кашондан (-и пахта); **қанор-қанор ваъда додан** ваъдаи зиёд додан.

**ҚАНОРА** *а.* قناره 1. чӯб ё оҳане, ки ба он мехҳои дароз ва чангакҳо зада шудааст ва қассобҳо дар он гӯштро меовезанд. 2. *кит.* дӯкони қассобӣ.

**ҚАНОТ** I قنات 1. *ниг.* **бол**. 2. қисми паҳлуии иморат, ҳавлӣ *ва г.:* **қаноти рости бино, қаноти чапи ҳавлӣ**. 3. *ҳ.* тарафи рост ё чапи саф ё мавқеи қисми низомӣ, фланг; **қанот баровардан** а) падид омадани болу пар дар парандагон *ва г.*; б) қобилияти парвоз пайдо кардан; **қанот кушодан** болу пар паҳн карда, омодаи парвоз шудан; парвоз кардан, паридан; **(дар) зери қаноти** *касе* дар паноҳи касе, дар ҳимояи касе; **ба зери қаноти(таги)** *касе* **даромадан** а) дастёру мададгори касе шудан; б) дар ҳимояи касе қарор гирифтан, ба касе паноҳанда шудан; **ба зери қанот гирифтан** ба касе пушту паноҳ шудан; ҳомӣ ва парастори касе шудан; **зери қанот кардан** *ниг.* **ба (дар) зери қанот гирифтан; қаноти** *касе* **шикастан** оҷизу нотавон шудани касе (*мисли мурғи беболу пар*).

**ҚАНОТ** II *а.* قنات *ниг.* **корез**.

**ҚАНОТАК** قناتک *шакли тасғир ва навозишии* **қанот; қанотак задан** болафшонӣ кардан.

**ҚАНОТДОР** قناتدار дорои қанот, болдор: **киштии қанотдори зериобӣ**.

**ҚАНТАР** قنتر бе ему хошок ё алаф мондани чорво (*бештар оид ба асп*); **қантар кардан** асп, хар ва дигар чорворо тавре бастан, ки даҳани он ба хӯрок нарасад; **ба қантар истодан** дам гирифта, хунук шуда истодани асп баъд аз давидан ё пойга; **қантар карда гаштан** *гуфт.*, *маҷ.* бекор, дам гирифта бо кори муфид машғул нашуда рӯз гузаронидан.

**ҚАНТАРА** *а.* قنطره пули овеза, ки барои гузоштан аз болои дарё ва наҳрҳои калон месозанд.

**ҚАНТАРАК** قنطرک қисми болоии бинӣ, ҷои борики устухони бинӣ.

**ҚАНТАРӢ** قنطری 1. *мансуб ба* **қантар**; қантар шуда; **аспи қантарӣ** аспи савории дам гирифта. 2. лаҷоми махсусе, ки ба асп мезананд, то ба хӯрок хӯрдани он монеъ шавад; **лаҷоми қантарӣ** лаҷоми махсус барои ба қантар бастани асп ва барзагов.

**ҚАНТУ** *т.* قنتو *гуфт.* рӯ ба рӯ кардан; **ба қанту** рӯ ба рӯи ҳам; бо ҳам.

**ҚАНЧИҒ//ҚАНЧИҚ** *т.* قنچیغ//قنچیق 1. саги мода. 2. дар мавриди дашном нисбат ба зани бадрафтор гуфта мешавад.

**ҚАПИДА** قپیده *сифати феълии замони гузашта аз* **қапидан**; дастгиркарда, бадастафтода; **қапида гирифтан** дошта гирифтан, ба даст афтондан, даст гирифтан.

**ҚАПИДАН** قپیدن *гуфт.* 1. чизеро ба чолокӣ дошта гирифтан; бо даст гирифтан, чизеро бо даст доштан; аз дасти касе доштан. 2. *маҷ.* дастгир кардан; боздошт кардан; **домани** *касеро* **қапидан** *ниг.* **домани** *касеро* **гирифтан**.

**ҚАПОНДАН** قپاندن *тарзи бавоситаи* **қапидан**; чизеро ба дасти касе додан (гузоштан); дастгир кунондан, дошта додан.

**ҚАППАК** قپّک *гуфт.* 1. *ниг.* **қапқон**. 2. чангаки либосовезӣ.

**ҚАПЧУҚ** *т.* قپچوق пулдони асосан чармӣ барои дар киса ё бағал нигоҳ доштани пул, ҳамён.

**ҚАПҚОН** *т.* قپقان *ниг.* **дом**.

**ҚАРАБОӢ** *т.* قربائی *гуфт.* 1. сирдор, эмаландуда: **табақи қарабоӣ**, **чойники қарабоӣ**. 2. чойники филизӣ.

**ҚАРАВУЛ** *т.* قرول 1. *ниг.* **қаровул**. 2. *нидо* "вой дод!"

**ҚАРАВУЛАК** قرولک *ниг.* **қаровулак**.

**ҚАРАВУЛӢ** قرولی *ниг.* **қаровулӣ**.

**ҚАРАВУЛХОНА** قرولخانه *ниг.* **қаровулхона**.

**ҚАРҒА** *т.* قرغه *гуфт.* калзоғ, зоғи ало.

**ҚАРАҒАЙ** *т.* قرغی дарахти коҷ, санавбар.

**ҚАРАҒАЙЗОР** قرغیزار ҷое, ки дарахти зиёди қарағай рӯидааст.

**ҚАРАҒОЧ** *т.* قرغاچ *гуфт.*, *ниг.* **қайрағоч**.

**ҚАРАҚОТ** *т.* قرقات зирк, барбарис.

**ҚАРАҚЧӢ** *т.* قرقچی роҳзан; **дуздро қарақчӣ задааст** (*зарб.*) моли дуздӣ ба дузданда насиб намекунад; моли ҳаром ба ҳаром мебарояд.

**ҚАРАҚУШ** *т.* قرقوش *гуфт.* 1. уқоби сиёҳ. 2. аспи сиёҳи даванд, аспи сиёҳмушкини бодпо.

**ҚАРАНФУЛ** *ҳ.* قرنفل растании буттагии полизӣ, ки ҳосили он пас аз расида сурх шудан таъми тунду тез дорад; тару хушки онро ба таом меандозанд ва хушконидаашро кӯфта, чун мурч ба рӯи хӯрок мепошанд; **қаламфури булғорӣ** навъи калон-калон ва таъми тунд надоштаи қаламфур, ки ба даруни он гӯшти қима, биринҷ, пиёз *ва г.* андохта, дӯлма мепазанд.

**ҚАРЗ** *а.* قرض 1. пул ё чизе, ки ба шарти дар муддати муайян гардонда додан аз касе гирифта мешавад: **қарз гирифтан, қарз додан**. 2. *маҷ.* вазифае, ки иҷрои он зарур аст, дайн: **қарзи инсонӣ, қарзи фарзандӣ, қарзи шаҳрвандӣ, қарзи худ донистан; қарзи дарозмуддат** қарзе, ки муддати пардохташ тӯлонӣ мебошад; **қарзи кӯтоҳмуддат** қарзе, ки барои дар андак вақт баргардонидан гирифта ё дода мешавад; **қарзи ҳасана** қарзи бесуд (бефоиз), ки бе ягон тамаъ, бо мақсади мадад ва хайрхоҳӣ дода шудааст; **қарзу қабола (қавола)** додугирифт; **ба қарз** ба тариқи қарз: **ба қарз гирифтан, ба қарз додан; қарз доштан** қарздор будан аз касе; **қарз кардан** чизе ё маблағеро аз касе ба қарз гирифтан; **қарз пурсидан** қарз хостан, хоҳиши қарз додани касеро кардан; **қарз (-и худ)ро адо кардан** а) маблағи ба қарз гирифташударо пардохта тамом кардан; б) *маҷ.* вазифа ва ӯҳдадории худро ба ҷо овардан; **қарзи худро кандан** (**баробар кардан)** қарзи худро пардохта тамом кардан, аз қарз халос шудан; қарзро пардохтан; **қарз дар гардан** (**-и** *касе*) **мондан** қарзи худро адо накардан, қарздор мондан; **ба қарз ғӯтидан** маблағи зиёде қарздор будан, бисёр қарз доштан; **қарзу қавола карда** *гуфт.* аз ину аз он қарз гирифта; ба зорию илтиҷо аз чанд кас қарз гирифта; бо қарзҳои зиёд; **қарзи бандагиро адо кардан** мурдан, фавтидан; **қарз ба қиёмат намондан** қарзи худро адо карда (пардохта) мурдани касе; баъди мурдани касе пардохта шудани қарзи вай аз тарафи ворисонаш.

**ҚАРЗА** قرضه *ниг.* **қарз**.

**ҚАРЗБАРДОР** قرضبردار 1. он ки ба рӯзгузаронӣ тавассути васоили қарзӣ одат кардааст. 2. шахсе, ки қарзи наздиконашро ба зимма мегирад.

**ҚАРЗГИР** قرضگیر он ки аз дигаре қарз мегирад, вомгир.

**ҚАРЗГИРАНДА** قرضگیرنده *сифати феълии замони ҳозира* аз **қарз гирифтан**; он ки аз касе қарз мегирад, вомгиранда.

**ҚАРЗГИРӢ** قرضگیری 1. аз касе ё муассисаи бонкӣ қарз гирифтан, вомгирӣ. 2. *збш.* аз забони дигар иқтибос ва ба орият гирифтани вожаҳо.

**ҚАРЗДИҲАНДА** قرضدهنده *сифати феълии замони ҳозира* аз **қарз додан**; он ки ба касе қарз медиҳад, вомдиҳанда.

**ҚАРЗДИҲӢ** قرضدهی *исми амал аз* **қарз додан**; ба ихтиёри касе ба қарз гузоштани чизе ё пуле.

**ҚАРЗДОР** قرضدار он ки аз касе қарз гирифтааст, вомдор, мадюн: **қарздор кардан** *касеро*, **қарздор шудан** *аз касе*; **қарздор будан аз** *касе* а) аз касе қарз доштан; б) вазифадор будан барои баргардонидани некиҳои касе.

**ҚАРЗДОРӢ** قرضداری қарздор будан, қарз доштан, вом доштан, мақрузӣ, мадюнӣ.

**ҚАРЗӢ** قرضی *мансуб ба* **қарз**.

**ҚАРЗМАНД** قرضمند *ниг.* **қарздор**.

**ҚАРЗМАНДӢ** قرضمندی *ниг.* **қарздорӣ**.

**ҚАРЗТАЛАБ** قرضطلب 1. он ки қарз мепурсад, он ки қарз гирифтан мехоҳад. 2. касе, ки қарзи додаашро аз қарздор талаб мекунад.

**ҚАРЗХОҲ** قرضخواه *ниг.* **қарзталаб**.

**ҚАРИБ** *а.* قریب 1. наздик; **қариби**... наздик ба...; **аз қариби**... аз наздики..., дар наздики.... 2. наздик ба...; **қариб буд**... наздик буд, ки..., кам монда буд, ки... 3. тақрибан, тахминан: **қариб сад метр роҳ**. 4. *кит.* хеш, хешованд (*ба ин маъно бештар дар шакли ҷамъ меояд*): **қарибон**. 5. *адш.* яке аз баҳрҳои вазни арӯзи тоҷикӣ.

**ҚАРИБӢ** قریبی наздикӣ, наздик будан; **қарибии**... *гуфт.* наздикии..., наздик ба... *(ба ин маънӣ шакли дурусташ* **қариби**... *аст):* **қариби(ҳо)и бегоҳӣ, қариби(ҳо)и саҳар...; ба қарибӣ** а) ба наздикӣ, дар ояндаи наздик, дар рӯзҳои наздик; б) чанде пеш аз ин, дар гузаштаи наздик; в) ба тозагӣ, нав; **дар қарибии**... а) дар назди..., наздикии...; дар пеши...; б) наздик ба..., андак монда ба...: **дар қариби(ҳо)и пиронсолӣ; ба ин қарибӣ (қарибиҳо)** *ниг.* **ба қарибӣ; дар ин қарибӣ // дар он қариби(ҳо)** а) ба наздикӣ, дар вақтҳои наздик; б) чанде пеш (аз ин); дирӯзакак, ба тозагӣ; в) дар наздикӣ, дар он атроф; **то ба ин (ҳам) ин қариби(ҳо**) то чанде пеш аз ин, то дирӯзҳо.

**ҚАРИН** *а.* قرین 1. наздик; **дӯсти қарин** дӯсти наздик. 2. ҳамнишин, ҳамсӯҳбат, ҳамдаму ҳамнафас. 3. *кит.* мисл, монанд, ҳамто; баробар.

**ҚАРИНА** *а.* قرینه 1. *муаннаси* **қарин**. 2. аломат, нишона. 3. назир, монанд, мисл.

**ҚАРИНӢ** قرینی қарин будан, наздикӣ (*дар муносибат бо ҳамдигар*).

**ҚАРИҲА** *а.* قریحه табъ, табиати одамӣ; истеъдод.

**ҚАРИЯ//ҚАРЯ** *а.* قریه 1. деҳ, деҳа, қишлоқи нисбатан калон. 2. шаҳрча, шаҳрак.

**ҚАРҚ** *т.* قرق *гуфт.* 1. пардае иборат аз чирк ва хун, ки дар рӯи ҷароҳат пайдо мешавад, карахш, шух. 2. чирки бадан; **қарқ бастан** а) бо шух ва карахш пӯшида шудани рӯи ҷароҳат; б) ниҳоят чиркин шудан (-и бадан аз шустушӯ накардан).

**ҚАРҚБАСТА** قرقبسته *сифати феълии замони гузашта аз* **қарқ бастан**.

**ҚАРМАТИЯ** *а.* قرمطیه як шохаи фирқаи исмоилия дар ислом (асосгузораш Ҳамдони Қармат), ки шӯришҳои пайравони он бар зидди хилофати Аббосӣ (асрҳои IX-X) дар таърих машҳур аст.

**ҚАРМАТӢ** قرمطی пайрави мазҳаби қарматия.

**ҚАРН** I *а.* قرن 1. сада, аср, муддате, ки гоҳо 30 сол ва гоҳе 80-100 солро дар бар мегирифтааст. 2. даврон, замон, аҳд.

**ҚАРН** II *а.* قرن *кит.* шохи ҳайвон.

**ҚАРОБА** *а.* قرابه *кит.* 1 зарфи шишаӣ; зарфи об, обдон. 2. шишаи шароб, сурохӣ.

**ҚАРОБАКАШ** قرابهکش *кит.* **шаробхӯр**.

**ҚАРОБАПАРДОЗ** قرابهپرداز *ниг.* **қаробакаш**.

**ҚАРОБАТ** *а.* قرابت хешӣ, хешию таборӣ; наздикӣ; **қаробат доштан** хеш будан, нисбати хешовандӣ доштан.

**ҚАРОБОДИН** قرابادین (*шакли муарраби калимаи юнонии pharmokopya*) *кит., мач.* маҷмӯаи қоидаю дастурҳои таҳия кардани доруҳо.

**ҚАРОВУЛ** *т.* قراول 1. нигаҳбон, муҳофиз. 2. шахси мутасаддии дидбонӣ ва посдории ҷое; аскари навбатдор; **қаровули фахрӣ** дастаи аскарон, ки ба ифтихори шахсе саф меоронд; **қаровул гузоштан (мондан)** касеро ба посбонӣ гумоштан, касеро ба назорат ва дидбонӣ гузоштан; **қаровул истодан** дар посбонӣ истодан; назорат ва муроқибат кардан, дидбонӣ кардан; **қаровул шудан** вазифаи посбониро иҷро кардан; назорат ва муроқибат намудан (*аз болои касе*); **қаровулро иваз кардан** як посбони навбатдорро ба дигараш бадал кардан.

**ҚАРОВУЛАК** قراولک 1. чизи мехчамонанд ва амсоли он дар сари милаи аслиҳаи тирандозӣ, ки ба он нигоҳ карда, ба нишон мегиранд. 2. пӯк ё чизи дигари сабуки дар рӯи об шинокунандаи шаст ва тӯри моҳидорӣ, ки аз ҳаракати он моҳигир ба

шаст афтодан ё дар тӯр дармондани моҳиро мефаҳмад, ғаммозак, шиноварак.

**ҚАРОВУЛБЕГӢ** قراولبيگی *таър.* сардори посбонони дарбори амирони Бухоро.

**ҚАРОВУЛӢ** قراولی посбонӣ, дидбонӣ, назорат; **қаровулӣ кардан** посбонӣ кардан, муроқабат ва назорат кардан.

**ҚАРОВУЛХОНА** قراولخانه хонаи посбонон, посбонхона; хоначаи қаровулнишин.

**ҚАРОКУРТ** قراکرت ғунда, навъе аз ҳашароти заҳрдор.

**ҚАРОКӮЛӢ** قراکولی *мансуб ба* **ноҳияи Қарокӯл** (*дар вилояти Бухоро*), *ки пӯсти гӯсфандонаш шӯҳрати ҷаҳонӣ дорад*; **пӯсти қарокӯлӣ** пӯсти барраи навзоди гӯсфанди қарокӯлӣ; **телпаки қарокӯлӣ** телпаке, ки аз пӯсти гӯсфанди қарокӯлӣ дӯхта шудааст.

**ҚАРОКӮЛПАРВАРӢ** قراکولپروری соҳаи чорводорӣ, ки бо парвариши гӯсфандҳои зоти пӯсти қарокӯлидиҳанда машғул аст.

**ҚАРОҚАНДӢ** قراقندی яке аз навъҳои харбузаи маҳаллӣ.

**ҚАРОМУҒ** *т.* قراموغ *бот.* як навъ мағор, пӯпанаки заҳрноки ангалӣ дар растаниҳои ғалладонагӣ.

**ҚАРОР** *а.* قرار 1. ором; оромиш, осоиш; **қарор надоштан дар ҷое** а) ором набудан, собит набудан, дар ҳоли ҷунбиш ва ҳаракат будан; б) ором нагирифтан, дер наистодан дар ҷое; **қарор аз** *касе* **бурдан** орому осоиши касеро барҳам додан, касеро беқарор кардан; **қарору оромро аз даст додан** орому осоишро гум кардан, беқарору нороҳат шудан; **маҷоли қарор наёфтан** имкони ором гирифтан наёфтан; фурсати таваққуф наёфтан; **орому қарор надоштан** ором набудан, дар ҷунбишу ҳаракат будан. 2. сабр, тоқат, шикеб; **сабру қарор намондан** сабру тоқатро гум кардан, таҳаммулу бурдбориро аз даст додан. 3. аҳд, қавл, паймон; шарт; **қавлу қарор** *ниг.* **қавл**. 4. амр ё тасмиме, ки аз тарафи ҳукумат ё мақоми дигар бароварда шудааст; тасмиме, ки дар натиҷаи муҳокима ва музокираи масъалае қабул карда шудааст, қарордод, қатънома: **қарори қатъӣ, қарори маҷлис, қарори ҳукумат**, **қарори ҳайати мушовараи вазорат, қабули қарор, қарор баровардан, қарор баромадан; қарори суд** *ниг.* **ҳукм (-и суд)**. 5. азм, ирода, қасду ният оид ба коре, ки одам дар натиҷаи андешаву мулоҳиза ба он расидааст; **азму қарор** қасду нияти қатъӣ; **аз қарори худ гаштан** аз нияти худ гаштан; **қарор гирифтан** а) истодан, аз ҳаракат мондан, таваққуф кардан; б) оромидан, осудан, орамидан; в) ҷой гирифтан, сокин шудан, сукунат ихтиёр кардан; г) воқеъ шудан; **қарор додан** а) ҷой додан, ҷойгир кардан; б) муқаррар кардан, муайян намудан: **манбаи даромад қарор додан, тахаллус қарор додан, ҷоеро минбар қарор додан**; в) аҳд кардан; мақсад гузоштан; г) тасмим гирифтан; ба қароре омадан; ғ) ҳисоб кардан, шумурдан, донистан: **сукутро аломати ризо қарор додан; қарор ёфтан** а) *ниг.* **қарор гирифтан**; б) муқаррар карда шудан; в) ҳалли худро ёфтан, ҳал шудан; **қарор кардан** а) ором шудан, истодан; б) ором ёфтан, осудан; в) амр баровардан; г) тасмим гирифтан, ба қароре омадан, ба фикри қатъие омадан; азм кардан; ғ) байъ кардан, киро кардан; **қарор шуд, ки…** тасмим гирифта шуд, ки…, азм карда шуд, ки...; **ба ин қарор** ба ин тарз; ба таври зайл, ба тариқи зайл; **ба қарори зайл** ба тариқе, ки дар поён зикр хоҳад шуд, ба таври зайл; **бо (ба) як қарор** ба як тартиб; бо як маром, як сон; **қарор намондан** тобу тавон намондан, аз ҳол рафтан; **вазифаи худ қарор додан** дар назди худ вазифа гузоштан; кори худ ҳисобидан; **дили** *касе* **қарор гирифтан** дили касе ором гирифтан, хотири касе ҷамъ шудан, хотирҷамъ шудани касе; **дили** *касе* **қарор надоштан** беором (беқарор) будан; **маврид (***ё* **маҳалл)-и баҳс қарор додан** баҳс кардан дар бораи чизе; **мавриди истифода (баҳрабардорӣ) қарор гирифтан** истифода карда шудан, истифода бурда шудан аз чизе; **тӯъмаи оташ қарор додан** оташ задан ба чизе, сӯзондан чизеро; **ҳақ (ҳақиқат) дар (ба) ҷои худ қарор гирифтан** ҳақиқат барқарор шудан, ба субут расидан ва ғалаба кардани ҳақиқат; **ба худ қарор додан** қасди иҷрои кореро кардан; дар пеши худ вазифа гузоштан; **ба як қарор омадан** тасмим гирифтан; дар бораи чизе ё коре фикр карда, ба хулосае омадан; ба як фикр (-и қатъӣ) омадан.

**ҚАРОРБАХШ** قراربخش оромидиҳанда, оромбахш, оромкунанда.

**ҚАРОРГОҲ** قرارگاه ҷои ист, мақарр; маскан, манзил: **қароргоҳи президент, қароргоҳи марзбонон**.

**ҚАРОРДОД** قرارداد 1. қавлу қарор (*аҳду паймон*)-и ду ё чанд кас дар бораи коре, паймон, аҳднома; шартнома. 2. *ниг.* **қарор** 5.

**ҚАРОРДОДӢ** قراردادی *мансуб ба* **қарордод**; аз рӯи қарордод: **хизмати қарордодӣ**.

**ҚАРОРӢ** قراری 1. он ки аз хизмати касе бо шарту шароити муайяне истифода мебарад; мизоҷ. 2. муздур, ятим; **қарории дари** *касе* он ки барои анҷоми хизмати даргоҳе нигоҳ дошта мешавад; хизматгори хонаи касе; **қарорӣ кардан** касеро ба муддате ва музде киро кардан; **қарорӣ шудан** муздур шудан; хизматгор шудан; ҳамчун коргари кироя хизмати касеро кардан.

**ҚАРОРНАВИС** قرارنویس котибе, ки қарори маҷлисро менависад.

**ҚАРОСОН** قراسان *тиб.* карахту беҳис ё сиёҳ шуда пӯсидани ягон узв ё қисми бадан дар натиҷаи вайрон шудани гардиши хун, гангрена.

**ҚАРОХОНИЁН** قراخانیان *таър.* номи яке аз сулолаҳои турктабор.

**ҚАРС** I قرس 1. рӯймол, сарандоз, саргирак (*сарбанди занон*). 2. рӯймоли миёнбандии мардон.

**ҚАРС** II قرس *калимаи тақлиди овози* ба ҳам задани ду чиз; садои махсуси ба ҳам задани ангуштон ба ҳавои оҳанге, овози шикан-шикан.

**ҚАРСАК** قرسک ба ҳам задани ду кафи даст барои изҳори таҳсин ва табрик, кафкӯбӣ, чапак: **қарсаки ғулғуладор, мавҷи пурғуғулаи қарсакҳо; қарсак задан** кафкӯбӣ кардан, чапак задан; **қарсак аз ду даст мебарояд** (*мақ.*) бе ёрию ҳамкорӣ ҳеҷ кор буд намешавад, амалӣ шудани ҳар як кор ба ҳамкорию иттифоқ вобаста аст.

**ҚАРСАКЗАНӢ** قرسکزنی *исми амал аз* **қарсак задан**; кафкӯбӣ, чапакзанӣ.

**ҚАРСАКӢ** قرسکی *ниг.* **қарсак**.

**ҚАРСАС** قرسس *ниг.* **қарсос**.

**ҚАРСВОР** قرسوار матоъ ба қадри як қарс, рӯймол.

**ҚАРСӢ** قرسی *калимаи тақлиди овози* шикастани шоху танаи дарахт.

**ҚАРС-ҚАРС** قرس قرس *калимаи тақлиди овози* мукаррар ба ҳам расидани ду чиз ё шикастани шохи дарахте; қасар-қусур.

**ҚАРСОС** قرساس *калимаи тақлиди овози* тирандозӣ, сар додани мушак *ва г.*

**ҚАРСУҚУРС** قرسوقرس *калимаи тақлиди овози* тирпаронии паиҳам аз милтиқу таппонча.

**ҚАРТА** I *фр.* قرته 1. варақаҳои бозӣ бо холҳо ва суратҳои гуногунранг: **қарта кашидан, бо қарта фол дидан**. 2. як қитъаи замини корам.

**ҚАРТА** II *фр.* قرته сафҳаи патефон.

**ҚАРТАБОЗ** قرته‌باز он ки бо қарта қимор бозӣ мекунад.

**ҚАРТАБОЗӢ** قرته‌بازی қимор бо қарта: **қартабозӣ кардан**.

**ҚАРТАМОНАК** قرته‌مانک *гуфт.* дастгоҳи барқӣ барои шунавонидани қартаҳои патефон.

**ҚАРҲА** *а.* قرحه *кит.* захм, реш, ҷароҳат.

**ҚАРЧИҒАЙ** *т.* قرچیغی парандаи шикорӣ аз ҷинси боз, ки аз боз қадре хурдтар, лекин тезпар аст, қирғӣ.

**ҚАРЯ** قریه *ниг.* **қария**.

**ҚАСАБ** *а.* قصب 1. най, қамиш. 2. навъе матои нафис, ки аз катони мулоим ё аз абрешим бофта мешуд, беқасаб.

**ҚАСАБА** *а.* قصبه ободие, ки аз чанд деҳ ташкил ёфта бошад; шаҳрча, шаҳри майда.

**ҚАСАБПӮШ** قصب‌پوش он ки аз матои нарму нозуки беқасаб либос пӯшидааст; хушлибос.

**ҚАСАМ** *а.* قسم савганд: **қасам ба Худо, қасам ба рӯҳи..., қасам ба арвоҳи... қасам ба виҷдонам, ба Худо қасам, ба чашмонат қасам, ба ҷони... қасам, ба қасами худ содиқ мондан...; қасам додан** маҷбур ба қасамхӯрӣ кардан, савганд хӯрондан; *ниг.* **савганд (ёд кардан); қасам хӯрдан** савганд ба забон овардан барои бовар кунонидани касе ба коре; қавли қатъӣ

додан (*ба иҷрои коре*); **қасам шикастан** қасам ёд кардаву (қасам хӯрда) ба он вафо накардан.

**ҚАСАМЁДКУНӢ** قسم‌یادکنی *исми амал аз* **қасам ёд кардан**; маросими савганд ёд кардан (*дар қувваҳои мусаллаҳ ҳангоми қабули вазифаи сарварии кишвар ва г*); қасам хӯрдан.

**ҚАСАМЗАДА** قسم‌زده *сифати феълии замони гузашта аз* **қасам задан**; он ки ба дурӯғ савганд хӯрдааст.

**ҚАСАМӢ** قسمی *мансуб ба* **қасам**; **машварати суди қасамӣ** машварати суде (*дар баъзе давлатҳо*), ки аз тарафи халқ бо овоздиҳии озод интихоб шудааст ва барои аз рӯи адлу инсоф ҳукм баровардан ба қонуни асосӣ *ва г.* қасам хӯрдааст.

**ҚАСАР-ҚАСАР** قسرقسر *калимаи тақлиди овози* шикастани чӯбу тахта, шохҳои дарахтон *ва г.*

**ҚАСАР-ҚУСУР** قسرقسور *калимаи тақлиди садои* тирпаронии пай дар пай, занозанӣ *ва г.*

**ҚАСАС** *а.* قصص *ҷ.* қисса; **қасасуланбиё** қиссаҳои пайғамбарон.

**ҚАСВАТ** *а.* قسوت *ниг.* **қасоват**.

**ҚАСД** *а.* قصد 1. азм, ният, мақсад. 2. нияти бад, суиқасд; **қасди бад** нияти бад, нияти бадкорӣ дар ҳаққи касе: **қасди бад доштан, қасди бад кардан** *ба касе*; **ба қасди**... а) бо мақсади..., бо нияти...; б) ба муқобили..., ба зидди..., алорағми...; **аз ғайри қасд** надониста, нафаҳмида, бе ягон нияти бад; **қасд кардан** а) ният кардан, азм кардан, дар пайи расидан ба мақсаде шудан; б) дар ҳаққи касе нияти бад доштан, бадӣ кардан ба касеро мақсади худ қарор додан; **қасд кардагӣ барин** гӯё қасдан (*ин тавр шуда истода бошад*); **қасд гирифтан** *гуфт.* интиқом гирифтан, қасос гирифтан; **қасд доштан** *ба касе гуфт.* ғараз доштан; **аз қасди худ гаштан** аз нияти иҷрои коре даст кашидан, сарфи назар кардан аз расидан ба мақсаде; **ба (ё дар) қасди коре афтодан** азми қавӣ кардан барои иҷрои коре; **ба қасди ҷони** *касе* **шудан // дар қасди ҷони** *касе* **будан // қасди ҷони** *касеро* **кардан** азм ва нияти куштани касеро кардан; суиқасд карданӣ шудан.

**ҚАСДАН** *а.* قصداً аз рӯи қасд, амдан, дидаю дониста, муғризона.

**ҚАСДДОР** قصددار он ки бо касе ғараз ва адовате дорад; ниқорталаб: **қасддор будан, қасддор шудан**.

**ҚАСИБ** *а.* قصیب либоси мулаввану рангоранг.

**ҚАСИДА** I *а.* قصیده *адш.* яке аз шаклҳои шеър, ки қофиябандиаш монанди ғазал аст, аз понздаҳ байт камтар набуда, бештар дар мадҳи касе ё чизе ё дар мавзӯъҳои фалсафӣ ва ахлоқӣ гуфта мешавад: **қасидаи баҳория, қасидаи зафар, қасидаи мадҳия, қасидаи фахрия, қасидаи хазония, қасидаи ҳаҷвия**.

**ҚАСИДА** II *а.* قصیده *д.* дуохони махсуси муллоҳо, ки дар табобати беморони рӯҳӣ истифода мебаранд.

**ҚАСИДАГӮЙ** قصیده‌گوی шоире, ки қасида сарояд, қасидасаро.

**ҚАСИДАГӮӢ** قصیده‌گوئی *ниг.* **қасидасароӣ**.

**ҚАСИДАСАРО(Й)** قصیده‌سرا(ی) шоири қасиданавис, нависандаи қасида.

**ҚАСИДАСАРОӢ** قصیده‌سرائی навиштани қасида, амали шоири қасидасаро(й).

**ҚАСИДАХОН** قصیده‌خوان 1. он ки ба хондани қасида машғул бошад; қасидасаро. 2. *д.* муллое, ки бо хондани дуоҳои махсус бо номи қасида ба табобати беморони руҳӣ машғул аст.

**ҚАСИДАХОНӢ** قصیده‌خوانی *д.* хондани дуоҳои махсус аз тарафи мулло барои табобати беморони руҳӣ.

**ҚАСИМ** *а.* قسیم *кит.* 1. тақсимкунанда. 2. шарик дар қисмат; шарик, ҳиссадор, анбоз.

**ҚАСИР** *а.* قصیر кӯтоҳ; *муқоб.* **тавил**.

**ҚАСҚОН** *т.* قسقان чанбар, давра, доира; доираи ғалбер, ордбез: **қасқони ғалбер**.

**ҚАСОВАТ** *а.* قساوت *кит.* сахтдилӣ, бераҳмӣ; ситамкорӣ, золимӣ.

**ҚАСОВАТОМЕЗ** قساوت‌آمیز бо сахтдилӣ, бо бераҳмӣ, ситамкорона.

**ҚАСОИД** *а.* قصاید *ҷ.* **қасида**.

**ҚАСОРАТ** *а.* قصارت *кит.* кӯтаҳӣ; норасоӣ.

**ҚАСОС** *а.* قصاص барои кори бади касе айни

ҳамон корро дар ҳаққи худи вай кардан, интиқом, ниқор; **қасос гирифтан (*ё* ситондан)** интиқом гирифтан; **оташи қасос афрӯхтан** *киноя аз* ба қасосгирӣ пардохтан, дар пайи интиқомгирӣ шудан.

**ҚАСОСГИР** قصاص‌گیر қасосгиранда, интиқомгиранда, ниқорҷӯ.

**ҚАСОСГИРАНДА** قصاص‌گیرنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **қасос гирифтан**; интиқомҷӯй, қасдгиранда.

**ҚАСОСГИРӢ** قصاص‌گیری *исми амал аз* **қасос гирифтан**; ниқоргирӣ, интиқомҷӯӣ: **василаи қасосгирӣ, яроқи қасосгирӣ, ба қасосгирӣ афтодан**.

**ҚАСР** I *а.* قصر кох, сарой; кӯшки подшоҳӣ; бинои олии пурҳашамат: чорабиниҳои: **қасри фарҳанг, қасри таърихӣ**; *ба тариқи истиора*: **қасри дилкушо, қасри нур, қасри саодат, қасри зулмро хароб кардан, қасри ситамро сарнагун кардан, ба қасри илму фан оташ задан, пойдор кардани қасри сулҳу амният**.

**ҚАСР** II *а.* قصر *кит.* кӯтоҳ кардан; кӯтоҳӣ, норасоӣ.

**ҚАСР** III *а.* قسر *кит.* ба коре водор кардан, ҷабр.

**ҚАССОБ** *а.* قصّاب 1. он ки гову гӯсфанд *ва г.* барои гӯшт мекушад, гӯштфурӯш. 2. *маҷ.* бераҳм, ҷаллод; **ба дасти қассоб гирифтор шудан** дар банди одами золиму ҷаллод афтодан; **гунҷишкро (*ё* чумчукро) кӣ кушад? қассоб!** (*зарб.*) корро бояд кордон кунад, ҷузъитарин корро ҳам бояд мутахассис иҷро кунад.

**ҚАССОБАК** قصّابک *зоол.* парандаи хурди ботлоқӣ, лойхӯрак

**ҚАССОБӢ** قصّابی 1. касбу кори қассоб: **қассобӣ кардан**; *мансуб ба* **қассоб: дӯкони қассобӣ, корди қассобӣ, кундаи қассобӣ**. 2. ҷои гӯштфурӯшӣ, дӯкони гӯштфурӯшӣ.

**ҚАССОБВОР** قصّابوار мисли қассоб, монанди қассоб.

**ҚАССОБХОНА** قصّاب‌خانه ҷое, ки гову гӯсфанд *ва г.* мекушанд, саллоххона, кушишхона.

**ҚАССОМ** *а.* قسّام *кит.* 1. тақсимкунанда, қисматкунанда, бахшкунанда (*сифати Худо*). 2. бисёр қасамхӯранда.

**ҚАССОР** *а.* قصّار *кит.* ҷомашӯй, шустагар, гозур.

**ҚАССОС** *а.* قصّاص *кит.* қиссагӯй, қиссахон, афсонагӯй.

**ҚАТ** I *а.* قط 1. қабат, таҳ: **як қат ҷома**. 2. кач, хам; шикаста; **қати курта** ҷои таҳшуда хобидаи курта; чину ғиҷими курта; **пули қаташ нашикаста** *гуфт.* пули коғазии таҳаш вайроннашуда; *киноя аз* пули коғазии нав; **қату пат** сахт печу хамдор, ниҳоят качу килеб: **релсҳои қату патшуда**; **қат кардан** а) таҳ кардан, хам карда ба ҳам расонидани ду тарафи ягон чиз: **коғазро қат кардан, мактубро қат кардан**; б) хам кардан, дуто кардан (*миёнро*); в) печондан, барзадан, хам карда хобонидан (-и қисми поини курта, почаи изор *ва г.*); **қат шудан** а) хам шуда ба ҳам расидани ду тарафи ягон чиз; б) хамидан, дуто шудан (-и миён); хам шудан, кач шудан (-и кӯпрук); **пойҳоро қат кардан** зонуҳоро хам кардан, пойро дуқат кардан.

**ҚАТ** II *а.* قط буридани чизи сахте; **қалам қат кардан** бо корд бурида баровардани нӯги қалам.

**ҚАТАҒАН** *т.* قتغن манъ, *ниг.* **қадаған**; **қатаған кардан** сахт манъ кардан (*роҳро*); бастан, рафтуомадро манъ кардан (*мас., дар роҳе*).

**ҚАТАР-ҚАТАР** قتر قتر *калимаи тақлиди овози* ба ҳам расида гузаштан ё соиш хӯрдани чизҳои сахт.

**ҚАТЕЪ** *а.* قطیع *кит.* қатъ кардашуда, бурида.

**ҚАТИҚ** *т.* قتیق ҷурғоти обаш гирифташуда, мости ғафс; мост, ҷурғот; **қатиқ кардан** ба шир сафедӣ (*моя*) ҳамроҳ карда, мост (*ҷурғот*) тайёр кардан; **ба ҳар ош қатиқ шудан** ба ҳар кор ҳамроҳ шудан *(хоҳ дахлдор бошад, хоҳ бедахл)*.

**ҚАТИЛ** *а.* قتیل *кит.* кушташуда, мақтул.

**ҚАТИМ** قتیم абрешими ҷӯшдодашудаи сафед.

**ҚАТИФА** قطیفه ҷомаи хоб; лӯнгӣ, матои пашмин, ки баъд аз ғусл баданро бо он пок мекунанд; шабпӯш.

**ҚАТӢ//КАТӢ** قتی//کتی *гуфт.* 1. ҳамроҳ, бо ҳам.

2. *пасв.* аз, ба сабаби...; **саҳар қатӣ** ҳангоми саҳар, саҳаргоҳон; **қатӣ кардан** а) омехтан, махлут кардани чизе бо чизе; б) ҳамроҳ кардан; **қатӣ шудан** *тарзи мафъулии* **қатӣ кардан**; а) ҳамроҳ шудан; унс гирифтан; б) дахолат кардан ба коре, ба гапе; **ҷонам қатӣ!** бо ҷону дил! бо майлу хоҳиши том; *муқ.* **ба чашм** (*дар мавриди розӣ будан бо хоҳише гуфта мешавад*).

**ҚАТЛ** *а.* قتل куштан, куштор: **қатлу тороҷ, қатлу ғорат, майдони қатл, ба қатл маҳкум шудан, ба қатл ҳукм кардан, ҳукми қатл баровардан; қатли ом** куштори яксараи ҳамаи мардум *(марду зан, пиру ҷавон, хурду калон)*: **аслиҳаи (яроқи) қатли ом, қатли ом кардан (намудан); қатл кардан (намудан)** куштан; **ба қатл расонидан** қатл кардан, куштан.

**ҚАТЛАМА** *т.* قتلمه навъи нони фатирмонанд, ки хамири тунуки равғандори қабат-қабатро дар андак равған мепазанд; чалпаки варақин.

**ҚАТЛГОҲ** قتلگاه ҷои куштани одамон, кушторҷой; ҷои кушта шудани касе, ҷои иҷрои ҳукми қатл.

**ҚАТОР** I *а.* قطار 1. хати ба тартиб ҷойгирифтаи чизҳои якхела; гурӯҳи одамон, чорпоён, мошинҳо *ва г.,* ки пайи ҳам ё паҳлӯи ҳам бо тартиб истодаанд ё воқеъ гаштаанд, саф, рад, рада, радиф: **қатори вагонҳо, қатори дарахтон, қатори ҳавлиҳо, қатори пешқадамон, қатори шермардон, панҷ-шаш қатор одамон, дар қатори якум нишастан** (*мас.*, *дар театр*); **қатор(ҳо)и пахта** хатҳои ниҳоли пахта дар киштзор; **кори байни қаторҳои пахта** корҳои хишова, каланд кардан ва об додани пахтазор. 2. паҳлу ба паҳлу, паҳлуи ҳам ё паси ҳам ба тартиб (истода): **қатор бистар андохтан, қатор гузоштан** (-и аскарон), **қатор истода расм гирифтан, қатор нишастан, қатор хобидан, қатор чидан, қатор шинондани дарахтон, қатор истодани мошинҳо ...; қатори...** а) *ниг.* **дар қатори...;** б) баробари ..., ҳамроҳ бо...; **ба қатори... // дар қатори...** а) дар сафи..., дар радифи...; ба ҷумлаи...; **ба қатори калонсолон** (*коргарони соҳибихтисос, нависандагон*) **даромадан, ба қатори... гузаштан...**; б) дар байни.., дар миёни...; ҳамроҳ бо (*касе ё чизе*); **дар қатори дигарон (халқ)** дар қатори ҳама, баробари дигарон; монанди одамони дигар; **аз ин (ё он) қатор** аз ин ҷумла, аз ин гурӯҳ; **дар ин (ё он) қатор** дар ин ҷумла, дар он миён; ◊ **як қатор** а) дар як саф истода; б) чандин, якчанд; баъзе; **як қатор масъалаҳо (чораҳо, муваффақиятҳо), як қатор корхонаҳо (ноҳияҳо, мамлакатҳо); қатор-қатор** а) якчанд қатор шуда, як қатор аз паси қатори дигар; б) *маҷ.* чандин, якчанд; **қатор-қатор кардан** а) саф кашондан, саф додан; б) пайи ҳам гузоштан, дар як хат ё ҷое чида мондани чизе; **қатор карда савол додан** пайи ҳам савол додан, саволборон кардан; **қатор шудан** а) саф кашидан, саф оростан; паси сари ҳам ё паҳлӯ ба паҳлӯ бо тартиб истодан, пайи ҳам истодан (*дар навбат*); б) пайи ҳам чида шудан, пайи ҳам гузошта шудан; **ба қатор истодан** ба саф даромада истодан; ба навбат истодан; **як қатор** аз як сар; саросар, беистисно; **аз қатор баромадан** аз ҷамъият дур шудан; *муқ.* **ба канор баромадан; аз қатор рафтан** вафот кардан, мурдан; *муқ.* **аз байн рафтан; ба қатори одам (ё мардум) даровардан** тарбия карда ба воя расондан, ба камол расондан; **ба қатори мардум даромадан** ба воя расидан, ба камол расидан; **дар як қатор гузоштан** баробар ҳисоб кардан.

**ҚАТОР** II *а.* قطار маҷмӯи вагонҳое, ки ба воситаи паровоз (локомотив) дар рӯи роҳи оҳан ҳаракат мекунад, поезд (*гоҳо* **қатори роҳи оҳан** *ҳам ба ин маъно кор фармуда мешавад*): **қатори боркаш, қатори мусофир-бар, қатори тезгард, қатори Душанбе-Конибодом**.

**ҚАТОРА** I *а.* قطاره девораи чӯбин дар гирди боғ ва полиз, панҷарадевор, чапарак, чиғ, тавора.

**ҚАТОРА** II *а.* قطاره *ниг.* **қатор** II.

**ҚАТОРАК** قطارک 1. *гуфт., ниг.* **қатор** I. 2. яке аз навъҳои табл ва нақора.

**ҚАТОРБАСТ** قطاربست 1. пайи ҳам бо якдигар басташуда. 2. галаи дум ба дум басташудаи аспон ё шутурон.

**ҚАТОРБЕД** قطاربید дарахтони дар як радиф

шинондашудаи бед.

**ҚАТОРВАЗНА** قطاروزنه тасмаи чармини дар китф овезон ё дар миён басташаванда, ки барои ҳар як тири милтиқ хоначаҳо дорад, тасма-тирдон.

**ҚАТОРӢ** قطاری 1. муқаррарӣ, одӣ: **коргари қаторӣ; аскари қаторӣ** хизматчии рутбаи аз поён охирини қувваҳои низомӣ. 2. қаториҳо, одамони одӣ, омиён.

**ҚАТОРКӮҲ** قطارکوه *ҷугр.* кӯҳҳои занҷирбанд қаторшуда, силсилакӯҳ: **қаторкӯҳи Зарафшон, қаторкӯҳи Ҳисор**...

**ҚАТОРМЕХ** قطارمیخ меххои қатор кӯфташуда (*мас., ба девор*).

**ҚАТРА** *а.* قطره чакра: **қатраи ашк, қатраи борон, қатраҳои оби чашм, қатраи шабнам, як қатра, ду-се қатра; қатрае** а) як чакра; б) *киноя аз* каме, андаке; ҳеҷ; **қатра-қатра** а) чакра-чакра, як чакра-як чакра; б) *маҷ.* **камкам, андак-андак; ба миқдори бисёр кам; қатра-қатра ҷамъ гардад в-он гаҳе дарё шавад** (*зарб.*); **то қатраи охирин** то чакраи охирин, ягон қатра намонда; то тамоман ба охир расидани чизе; **як қатра** а) як чакра, қатрае; б) *маҷ.* андаке, каме; миқдори ночиз; **қатрае аз дарё (*ё* баҳр)** андаке аз бисёр; **қатрае хун нарехта** бе ягон хунрезӣ; накушта; **ду қатра об барин** ду чиз ё шахси ба куллӣ ба ҳам монанд; айнан; **то қатраи хун дар бадан ҳаст** то нафаси охирин, то зинда будан.

**ҚАТРАБОРОН** قطره‌باران 1. бороне, ки бо қатраҳои калон меборад. 2. *бот.* номи гиёҳест, ки гулҳои қатори сафеду зард дорад. 3. *маҷ.* дандонҳои сафеди дона-дона, ки зич ва ҳамвор бари ҳам омадаанд.

**ҚАТРАГӢ** قطره‌گی *мансуб ба* **қатра**; ҳолати қатрагии модда, ҳолати дар шакли қатраҳо воқеъшудаи модда.

**ҚАТРАДУЗД** قطره‌دزد *кит., киноя аз* абр.

**ҚАТРАЗАН** قطره‌زن 1. *кит.* даванда, бо суръати тез даванда. 2. *киноя аз* ҳарзагард ва тангзарф, ки дар ҷое қарор намегирад. 3. *маҷ.* пайк, номарасон.

**ҚАТРАЗАРФ** قطره‌ظرف 1. *кит.* он чи ки зарфияташ кам аст, камзарф. 2. *маҷ.* ҳарзагард, камҳавсала; холӣ аз ақлу илм.

**ҚАТРАРЕЗ** قطره‌ریز *тиб.* шишаи махсуси даҳонтанг барои қатра-қатра гузаронидани доруи обакӣ ба бадани бемор.

**ҚАТРАФИШОН** قطره‌فشان **:қатрафишон шудан** *кит.* тез рафтан, шитофтан, давидан.

**ҚАТРАЧАКОН** قطره‌چکان *тиб.* милаи шишагии махсус барои чакра чаконидан, чакрачакон, чакрарез (пипетка).

**ҚАТРАШУМОР** قطره‌شمار *ниг.* **қатрачакон**.

**ҚАТРАШУМУР** قطره‌شمر *ниг.* **қатрачакон**.

**ҚАТРОН** *а.* قطران 1. шираи часпак ва равғанмонанди сиёҳе, ки аз чӯби дарахтони санавбар, ар-ар ва ангишт мегиранд ва дар муолиҷаи касалиҳои пӯст, ба кор меравад; **қатрони нефт** қир; **қатрон кардан** шуста обашро покиза чакондани чизе. 2. *киноя аз* **сиёҳӣ**, ранги сиёҳ.

**ҚАТРОНӢ** قطرانی 1. *мансуб ба* **қатрон**. 2. *маҷ.* сиёҳи сиёҳ, сип-сиёҳ (*мас., мӯй*).

**ҚАТРОНКАШӢ** قطران‌کشی ҷое, ки аз чӯбҳо қатрон истеҳсол мешавад: **корхонаи қатронкашӣ**.

**ҚАТРОНМОЛИДА** قطران‌مالیده чизе, ки ба хотири напӯсидан ва аз зиёни ҳашарот эмин доштан қир, қатрон молида мешавад.

**ҚАТРОНМОЛӢ** قطران‌مالی молидани қатрони нафт ба қаиқу киштӣ *ва г.* барои нагузаронидани об ва муҳофизат аз занг задан: **коргоҳи қатронмолӣ**.

**ҚАТТ** *а.* قط *ниг.* **қат** II.

**ҚАТТОЛ** *а.* قتّال 1. бисёркушанда, бисёр қатлкунанда; қотил. 2. *маҷ.* хунхор, бераҳм; **душмани қаттол** душмани ашаддӣ. 3. марговар, маҳвсозанда: **заҳри қаттол** заҳри ҷо ба ҷо кушанда.

**ҚАТШУДА** قطشده *сифати феълии замони гузашта аз* **қат шудан**; хамида, қаҷшуда: **нӯги чоруқи ба боло қатшуда**.

**ҚАТЪ** *а.* قطع 1. буридан, кандан; ҷудо кардан. 2. андозаи муайяни буриши коғаз (формат); **қатъи алоқа (кардан)** алоқаро кандан, тарки робита кардан; **қатъ кардан (намудан)** а) буридан, кандан; б) бас кардан, хотима додан (*ба коре*), аз байн бурдан (*муносибат ё*

*муомиларо*); **қатъ шудан (гардидан, гаштан)** а) бурида шудан, канда шудан; бас шудан (-и гуфтугӯ, сӯҳбат...); б) хомӯш шудан (-и овози чизе, садои мусиқӣ...); **корро қатъ кардан** корро бас кардан, аз кор бозистодан; **қатъи назар аз**... сарфи назар аз..., бо вуҷуди...; **риштаи хаёл(от)и** *касеро* **қатъ кардан (намудан)** боиси бурида шудани андешаронии касе шудан, хаёлоти касеро халалдор кардан; **хомӯширо қатъ кардан** хомӯширо халалдор (вайрон) кардан, ба хомӯшӣ хотима додан.

**ҚАТЪАН** *а.* قطعاً *ниг.* **қатъиян**.

**ҚАТЪИЯН** *а.* قطعياً 1. ба таври қатъӣ, қотеона; тамоман: **қатъиян инкор кардан, қатъиян манъ кардан, қатъиян муқобил баромадан, қатъиян риоя накардан**. 2. ҳеҷ, асло, ҳаргиз: **қатъиян итоат накардан, қатъиян лаб накушодан**.

**ҚАТЪИЯТ** *а.* قطعيت 1. қатъӣ будан, яқин будан, ҳатмӣ будан. 2. қотеият, сахтиродагӣ, устувории боҷуръатона дар азму ирода ё фикру ақидаи худ; **бо қатъият** қотеона, бо устуворию матонат.

**ҚАТЪӢ** *а.* قطعی яқин, аниқ; ҳатмӣ: **қавли мо қатъист, иҷрои ин қонун қатъист; ба сурати қатъӣ** а) *ниг.* **ба таври қатъӣ**; б) тамоман, ба куллӣ; қотеона; **ба таври қатъӣ // ба тарзи қатъӣ** ба таври аниқ, яқинан; **ваъдаи қатъӣ** ваъдаи иҷрояш ҳатмӣ, қавли сахт; **далели қатъӣ** бурҳони қотеъ, далели бешаку шубҳа; **чораи қатъӣ** тадбири ҳатмӣ, чораи яқинан амалишаванда; **қарори қатъӣ** тасмими тағйирнопазир; фикри устувор; **ҷавоби қатъӣ** ҷавоби аниқ, ҷавоби дақиқ; **қатъӣ будан** а) ҳатмӣ будан; аниқ муайян будан (-и мӯҳлати иҷрои коре); б) устувор будан, мустаҳкам будан, сахт будан (-и азму иродаи касе); **азми қатъӣ** майлу хоҳиши сахт, азми ҷазм; **боварии қатъӣ** боварии том, эътимоди комил; **зарбаи қатъӣ** зарбаи сахт ва ҳалокатовар; **оҳанги қатъӣ** оҳанги ҷиддӣ (*бе ҳазл*); **қадами қатъӣ** қадами устувор; **қатъӣ рад кардан** ба куллӣ рад кардан, бо қатъият ҷавоби рад додан; **масъаларо қатъӣ гузоштан** (*ё* **қатъӣ карда мондан)** масъаларо кӯндаланг ба миён гузоштан.

**ҚАТЪНОМА** قطعنامه қарори хаттии иштирокдорони ҷаласа, анҷуман ё гирдиҳамоӣ, ки оид ба ҳалли масъалае қабул карда шудааст.

**ҚАФАС** *ю.* قفس 1. хоначаи аз химча ва симу ресмон бофта ва ё аз чӯбу оҳан панҷарашакл сохташуда барои нигоҳ доштани парандагон ва ҳайвонот. 2. *маҷ.* банд, ҳабс.

**ҚАФАСА** قفسه **:қафасаи сина** *тиб.* қисми синагии қафасмонанди сутунмӯҳраи одам.

**ҚАФАСБОФ** قفس‌باف он ки қафас мебофад, қафассоз.

**ҚАФАСБОФӢ** قفس‌بافی амал ва шуғли қафасбоф; ҷой ва маҳали бофтани қафас.

**ҚАФАСӢ** قفسی *мансуб ба* **қафас**; дар қафас буда; **мурғи қафасӣ** мурғи дар қафас.

**ҚАФАССОЗ** قفس‌ساز он ки қафас месозад, қафасбоф.

**ҚАФИЗ** *а.* قفیز *кит.* паймонаи ғаллабаркашӣ; паймона.

**ҚАФҚОЗӢ** قفقازی *мансуб ба* **Қафқоз**.

**ҚАФО** *а.* قفا 1. пушти гардан, паси сар. 2. умуман пушт, пас, ақиб; пай, дунбол; **қафои расм** пушти расм, тарафи холии акс; **қафои саҳна** паси парда (*дар театр*); **қафои теппа** тарафи пушти теппа, паси теппа; **дари қафо** дари воқеъ дар ақиб; дари партов; **аз ҳама қафо** аз ҳама охир; **аз қафо** аз пас, аз дунбол; **аз қафои**... а) аз пушти..., аз ақиби...; аз пайи..., аз дунболи...; б) баъди..., баъд аз..., пас аз...; **ба қафо** ба тарафи ақиб, ба пас; ақибнокӣ, пуштнокӣ; **ба қафо афтодан, ба қафо нигаристан, қадаме ба қафо гузоштан; ба қафои**... а) ба пушти (худ), ба паси (худ); б) дар паси (сар); ба пушти (сар); **қафо афтодан** *ниг.* **қафо мондан** (а, б); **қафо гаштан** а) ба ақиб гаштан, баргаштан; б) ақибнишинӣ кардан, ақиб рафтан; **қафо мондан** а) аз коре ё чизе ақиб мондан; б) ба таъхир мондан, дер сар шудан(-и кишт); в) суст ҳаракат карда вақтро кам нишон додани соат; **қафо партофтан** иҷрои кореро ба таъхир андохтан; кореро кашол додан; қафо РАФтан ба ақиб рафтан, қафо гаштан; **пешу қафо кардан** ба пешу пас гузоштан, пасу пеш бурдан; **худро қафо кашидан** худро ба ақиб гирифтан, ақибнокӣ рафтан; **ҷоеро қафо гузоштан** ҷоеро паси сар кардан, аз маҳалле гузаштан;

**аз қафои** *касе* **афтодан** касеро таъқиб кардан; аз пайи касе гаштан (*бо ягон қасди бад*); **аз қафои** *касе* **гаштан** а) аз паси касе шилқин шуда гаштан (*то расидан ба мақсаде*); б) касеро таъқиб кардан; **аз қафои** *касе* **гиристан (***ё* **гиря кардан)** дар рафтани (ё гуселонидани) касе гиря кардан; **аз қафои** *чизе* **давидан** дар ҳусули чизе такудав кардан; дар ҷустуҷӯи чизе сарсон шудан; **аз қафои коре рафтан** аз пайи коре шудан, пушти кори худ рафтан; **аз дарс қафо мондан** а) ба дарс дер кардан, ба машғулият таъхир карда омадан; б) сустӣ кардан дар омӯзиши маводи дарсҳо; **ба қафо гаштан** ба ақиб рӯй гардондан, қафо гаштан, баргаштан; **ба қафо гузоштан** гузашта рафтан аз ҷое, тай намудан; **ба қафо мондан** тай шудан, паси сар шудани ҷое; **дар қафо мондан** а) *ниг.* **қафо мондан** (а,б); б) тай шудан, паси сар шудани ҷое.

**ҚАФОГАРДӢ** قفاگردی *исми амал аз* **қафо гаштан**; қафо рафтан, ақибгардӣ.

**ҚАФОГИР** قفاگیر *кит., киноя аз* додхоҳ, мазлум, ситамдида; таъқибгардида, маҳдудшуда.

**ҚАФОГОҲ** قفاگاه *кит.* паси сар, пушти сар.

**ҚАФОКАШ** قفاکش *кит.* он ки ба пешравӣ мамониат мекунад; он ки корро ба ақиб мекашад.

**ҚАФОМОНДА** قفامانده *сифати феълии замони гузашта* аз **қафо мондан**; 1. ақибмонда, пасмонда (*дар иҷрои коре, дар тайи масофае*): **донишҷӯи қафомонда, талабаи қафомонда**. 2. *маҷ.* дар сатҳи пасти рушд қарордошта, рушду инкишофаш ба талаботи давру замон ҷавобгӯ набуда: **кишвари қафомонда, мамлакати қафомонда; соҳаи қафомонда** соҳаи хуб инкишофнаёфта; **шахси аз ҳаёт қафомонда** одами бо ҳаёти ҷомеа баробар пешнарафта, шахси ҷаҳонбиниаш кӯҳна.

**ҚАФОМОНӢ** قفامانی *исми амал аз* **қафо мондан**; ақибмонӣ, пас мондан, ақиб мондан (*дар коре аз дигарон*): **аз қафомонӣ баромадан**.

**ҚАФОНИШИН** قفانشین 1. дар ҷойҳои қатори ақиб нишаста. 2. муқими ақибгоҳ.

**ҚАФОНОКӢ** قفاناکی 1. пас-пас, ақибнокӣ, паснокӣ; **қафонокӣ рафтан** паснокӣ рафтан. 2. пуштнокӣ, бо пушт: **қафонокӣ афтидан**.

**ҚАФОРАВӢ** قفاروی пасравӣ; *муқоб.* **пешравӣ**.

**ҚАФОХОРА** قفاخواره *кит.* он ки бисёр шаттаю шаллоқ мехӯрад, шаттахӯр.

**ҚАФОХОРАГӢ** قفاخوارگی *кит.* шаттахӯрӣ, шаппотӣ хӯрдан, калтак хӯрдан.

**ҚАФОХӮРДА** قفاخورده *кит.* шаттахӯрдагӣ, шаллоқхӯрда, калтакхӯрда.

**ҚАҲБА** *а.* قحبه *кит.* 1. пирзан, аҷуза. 2. зани сабукпо, фоҳиша.

**ҚАҲВА** *а.* قهوه 1. донаҳои (тухми) дарахти тропикие, ки онро дар оташ бирён карда, баъд кӯфта орд карда, истеъмол мекунанд. 2. нӯшидание, ки кӯфта ё хокаи қаҳваро дар об ҷӯшонда ё болояш оби ҷӯш рехта, ба он шир ва шакар омехта ва гоҳе бе инҳо мехӯранд; **қаҳваи сиёҳ** нӯшидании қаҳваи бешир.

**ҚАҲВАГӢ** قهوگی *ниг.* **қаҳвай**.

**ҚАҲВАГУН** قهوه‌گون *ниг.* **қаҳваранг**.

**ҚАҲВАДОН** قهوه‌دان зарф барои қаҳва, қуттии қаҳва.

**ҚАҲВАЙ** قهوه‌ای 1. аз қаҳва тайёркардашуда; қаҳвадор. 2. *ниг.* **қаҳваранг**.

**ҚАҲВАНӮШӢ** قهوه‌نوشی *исми амал аз* **қаҳва нӯшидан**: **қаҳванӯшӣ кардан**.

**ҚАҲВАОРДКУНАК** قهوه‌آردکنک оси дастӣ барои кӯфта орд кардани донаҳои қаҳва.

**ҚАҲВАРАНГ** قهوه‌رنگ ба ранги донаи қаҳва, сурхи сиёҳтоб, қаҳвагӣ, қаҳвагун: **мӯи қаҳваранг, пӯсти қаҳваранг**.

**ҚАҲВАРЕЗ** قهوه‌ریز қаҳваҷӯш ё зарфе, ки аз он ба пиёла қаҳва резанд.

**ҚАҲВАФУРӮШӢ** قهوه‌فروشی амали фурӯхтани қаҳва, фурӯхтани қаҳва.

**ҚАҲВАХОНА** قهوه‌خانه муассисаи хӯроки умумии аз тарабхона хурдтар, ки дар он қаҳваю чой дам карда, газакҳои гуногун тайёр карда, мефурӯшанд.

**ҚАҲВАХӮРӢ** قهوه‌خوری *ниг.* **қаҳванӯшӣ**.

**ҚАҲВАҶӮШ** قهوه‌جوش *ниг.* **қаҳваҷӯшонак**.

**ҚАҲВАҶӮШОНАК** قهوه‌جوشانک зарфи махсуси филизӣ барои ҷӯшондани қаҳва.

**ҚАҲИСТОН** قهستان *ниг.* **кӯҳистон**.

**ҚАҲҚАРО** *а.* قهقرا *кит.* пас-пас рафтан, ақибнокӣ (қафонокӣ) рафтан.

**ҚАҲ-ҚАҲ** قه‌قه 1. *ниг.* **қоҳ-қоҳ; қаҳ-қаҳ задан** бо овози баланд хандидан. 2. *калимаи тақлиди овози* хониши кабк.

**ҚАҲҚАҲА** *а.* قهقهه 1. ханда бо овози хеле баланд, сахт хандидан. 2. хониши кабк, садои кабк:

**ҚАҲҚОС** قهقاس *ниг.* **қаҳ-қаҳ**.

**ҚАҲР** *а.* قهر 1. *кит.* ғалаба, ғолибият. 2. хашм, ғазаб; итоб: **қаҳру ғазаб, қаҳру ҷаҳл, қаҳру ситеза**. 3. тарки рафтуомад ва гуфтугӯ, ногапӣ бо касе; **аз қаҳр** аз хашм, аз ғазаб; **аз қаҳру ғазаб** аз ғояти хашму ғазаб; **ба қаҳр** *ниг.* **бо қаҳр**; дар болои хашму ғазаб, дар сари хашму ғазаб; **бо қаҳр** а) бо хашму ғазаб, аз рӯи ҷаҳлу ситеза; б) хашмгинона, ғазаболудона; **дар сари қаҳру ғазаб** дар болои хашму ғазаб, дар ҳолати ғазабнокӣ; **қаҳр кардан** а) хашмгин шудан, ғазабнок шудан; б) ҷаҳлу ситеза кардан; шӯридан, ошуфта шудан; эътироз кардан; в) тарки муошират кардан, ногап шудан ба касе; рӯй гардондан аз касе; **қаҳри** *касеро* **овардан** *тарзи бавоситаи* **қаҳри** *касе* **омадан** касеро хашмгин кардан, ҷаҳли касеро овардан; **қаҳри** *касе* **омадан** дар ғазаб шудан, хашмгин шудани касе; **аз** *касе* **қаҳр кардан** ранҷидан, хафа шудан; **ба қаҳр омадан** ба ғазаб омадан, хашмгин шудан; **ба қаҳр овардан** *тарзи бевоситаи* **ба қаҳр омадан** ба ғазаб овардан, хашмгин кардан, барангехтани хашми касе; **дар қаҳр будан** хашмгин будан, дар ғазаб будан, ғазабнок будан; **дар қаҳр шудан (гаштан)** ба ғазаб омадан, хашмгин шудан; оташин шудан; **қаҳри фалак** ҷаври замон; **қаҳри** *касе* **гирифтан** хашмнок шудан, дар ғазаб шудан; **қаҳри** *касе* **дар нӯги биниаш будан** одами зуд қаҳркунанда, қаҳргин, ба андак гапу коре бахашмоянда; **оташи қаҳри** *касе* **аланга задан** (*ё* забона гирифтан) шиддат гирифтани хашму ғазаби касе, сахт ба хашму ғазаб омадани касе; **аз қаҳр фуромадан** хашму ғазаби худро фурӯ нишондан; таскин ёфтан.

**ҚАҲРАМОН** I قهرمان 1. диловар, далер, паҳлавон. 2. шахсе, ки бо диловарию мардонагӣ ва фидокорию корнамоии худ шӯҳрат ёфтааст: **қаҳрамони ватан, қаҳрамони меҳнат**, **қаҳрамони халқи тоҷик**, **халқи қаҳрамон**, **ҷанговари қаҳрамон**, **се карат қаҳрамон**, **қаҳрамон шудан (гаштан)**; **шаҳри қаҳрамон** *ниг.* **қаҳрамоншаҳр**; **Қаҳрамони Тоҷикистон** унвони фахрӣ ва дараҷаи олии мукофотест, ки барои хизмати барҷаста дар соҳаҳои сиёсату иқтисодиёт, фарҳанг ва инкишофи илму фан аз тарафи ҳукумати ҷумҳурӣ дода мешавад. 3. иштироккунандаи асари бадеӣ; **қаҳрамони афсонавӣ** диловару паҳлавоне, ки дар бораи корнамоию шуҷоати ӯ афсонаҳо офарида шудаанд; **қаҳрамони ликикӣ** *адш.* шахсе, ки ашъори ликикӣ аз номи ӯ навишта шудааст.

**ҚАҲРАМОН** II قهرمان *кит.* 1. вакил ё амини дахлу харҷ. 2. масъули корҳо; хазинадор ва нигаҳдорандаи он чи дар тасарруфи ӯ бошад; корфармо.

**ҚАҲРАМОНВОР** قهرمان‌وار *ниг.* **қаҳрамонона**.

**ҚАҲРАМОНЗАН** قهرمان‌زن бонуи қаҳрамон, зане, ки бо диловарӣ ва фидокорию корнамоии худ шӯҳрат ёфтааст.

**ҚАҲРАМОНӢ** I قهرمانی 1. диловарӣ, далерӣ, шуҷоат; паҳлавонӣ; рӯҳу рафтори ба қаҳрамон хос. 2. иҷрои кору фаъолияти аҳамияти ҷамъиятӣ дошта, ки мардонагию шуҷоати шахсӣ ва фидокориро талаб мекунад: **қаҳрамонӣ кардан, қаҳрамонӣ нишон додан; қаҳрамонии афсонавӣ** қаҳрамонию шуҷоати ҳайратангези дар васфаш афсонаҳо бавуҷудомада; **достони қаҳрамонӣ** *адш.* достон (*асосан манзум*) дар бораи қаҳрамонони ҷангҳо ва корномаҳои онҳо, ҳамоса.

**ҚАҲРАМОНӢ** II قهرمانی кору амали **қаҳрамон** II; фармонравоӣ, корфармоӣ.

**ҚАҲРАМОНМОДАР** قهرمان‌مادار *таър.* унвони фахрие, ки дар замони Шӯравӣ ба модари даҳ ва зиёда аз он фарзанд таваллуд карда ба воя расонда, дода мешуд.

**ҚАҲРАМОНОНА** قهرمانانه 1. ба монанди қаҳрамон, мисли қаҳрамон, қаҳрамонвор; далерона, баҳодурона, ҷасурона, бо ҷасорат ва фидокорӣ: **қаҳрамонона кор кардан,**

**қаҳрамонона ҷангидан, қаҳрамонона ҳалок шудан**. 2. *мансуб ба* **қаҳрамон;** фидокорона: **кори қаҳрамонона, муборизаи қаҳрамонона**.

**ҚАҲРАМОНТАРОШӢ** قهرمان‌تراشی худро қаҳрамон вонамуд кардан, худро қаҳрамон ба қалам додан.

**ҚАҲРАМОНШАҲР** قهرمان‌شهر *таър.* ин унвон ба шаҳрҳое дода мешуд, ки аҳолии онҳо дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ қаҳрамонию корнамоии бузрг нишон дода буданд.

**ҚАҲРАН** *а.* قهراً *кит.* аз рӯи қахр, бо зӯрӣ, зӯран; **қаҳран ва ҷабран** бо зӯрӣ ва ситам, бо фишор ва зӯрӣ.

**ҚАҲРАНГЕЗ** قهرانگیز хашмгинона, ғазаболуд: **нигоҳи қаҳрангез**.

**ҚАҲРАТУН** قهرتون аз ҳад зиёд хунук, сардии шадид, тоқатфарсо, сахт; **зимистони қаҳратун, сармои қаҳратун**.

**ҚАҲРӢ** قهری ногап, ҷангӣ: **қаҳрӣ будан** (*аз касе*), **қаҳрӣ шудан (гаштан)**.

**ҚАҲРНОК** قهرناک пурхашм, пурғазаб; музтариб, ошуфта.

**ҚАҲРОЛУД** قهرآلود 1. хашмгин, ғазабнок, ғазаболуд: **чашмони қаҳролуд, чеҳраҳои қаҳролуд, нигоҳи қаҳролуд**. 2. аз рӯи хашму итоб, хашмгинона.

**ҚАҲРОМЕЗ** قهرآمیز *ниг.* **қаҳролуд**.

**ҚАҲТ** *а.* قحط 1. хушксолӣ, беҳосилӣ. 2. камёбӣ, ноёбӣ; **қаҳту ғало** *кит.* хушксолӣ ва қиматӣ, беғаллагӣ; **қаҳт будан** камёб будан, ёфтани чизе душвор будан; **қаҳт задан** *гуфт.* тамоман ноёб шудан, ёфтани чизе душвор шудан; *муқ.* **қирон омадан**; **қаҳт шудан** камёб шудан, ёфт нашудан.

**ҚАҲТӢ** قحطی хушксолӣ; гуруснагӣ; қиматӣ, гаронӣ; **соли қаҳтӣ** соли хушксолию гуруснагӣ; **гузарад соли қаҳтӣ, монад рӯи сиёҳи хоҳарам** (*зарб.*).

**ҚАҲТОБОД** قحط‌آباد *кит.* ҷои тангдастӣ, фақр ва эҳтиёҷ.

**ҚАҲТСОЛ** قحطسال соли хушки бебориш, ки ғалла нарӯида, камёб ва қимат шудааст.

**ҚАҲТСОЛӢ** قحطسالی *кит.* хушксолӣ.

**ҚАҲҲОР** *а.* قهّار *кит.* 1. ғолиб. 2. хашмовар. 3. қаҳргиранда, хашмгиранда (*яке аз номҳои Худо*).

**ҚАҲҲОРӢ** قهّاری 1. ғолибият. 2. кинаварзӣ, интиқом.

**ҚАШАВ** *т.* قشو олати дандонадори шонамонанд, ки бадани аспро бо он тоза мекунанд; **қашав кардан** бо қашав хориш додан; **қашаву ҷорӯб кардан** пӯсти бадани аспро бо қашав хоридан ва бо ҷорӯб тоза кардан.

**ҚАШАНГ** قشنگ *кит.* зебо, хушрӯй: **духтари қашанг, шаҳри қашанг; қашанг будан** зебо будан.

**ҚАШАНГӢ** قشنگی зебоӣ, хушрӯӣ.

**ҚАШҚА** I قشقه холи сафеди табиӣ аст, ки дар пешонаи асп ва баъзе ҳайвонҳо пайдо мешавад; **аспи қашқа** аспи дар пешонааш холи сиёҳ дошта.

**ҚАШҚА** II قشقه кӯраки нимшукуфта (нимбоз)-и пахта.

**ҚАШҚАЛДОҚ** *т.* قشقلداق навъи ҳайвони даранда аз хонаводаи гурбаҳо, аз гурба бузургтар ва аз саг хурдтар, ки холҳои сиёҳу сафед дорад.

**ҚАШҚАПЕШОНӢ** قشقه‌پیشانی *ниг.* **пешониқашқа**.

**ҚАШҚАРӢ** قشقری *мансуб ба* **Қашқар** (*шаҳрест дар вилояти мухтори Синсзяни Хитой*); аҳли Қашқар, сокини Қашқар; **рубоби қашқарӣ** *мус.* навъи рубоб, ки дар қисми болоии коса аз ду тарафи дастааш шох дорад.

**ҚАШҚАЧИНӢ** قشقه‌چینی чида ҷамъ кардани кӯракҳои нимшукуфтамонда барои дар хирманҷову хонаҳо ҷудо карда гирифтани пахтаи он.

**ҚАШШОҚ** *т.* قشّاق нодор, бенаво, фақир, камбағал, камбизоат: **одами қашшоқ, деҳаи қашшоқ, қашшоқ будан, қашшоқ шудан**.

**ҚАШШОҚБАЧА** قشّاق‌بچه *ниг.* **қашшоқзода**.

**ҚАШШОҚЗОДА** قشّاق‌زاده фарзанди одами қашшоқу камбағал.

**ҚАШШОҚӢ** قشّاقی фақирӣ, нодорӣ, бечизӣ, камбағалӣ, камбизоатӣ.

**ҚАШШОҚОНА** قشّاقانه камбағалона, фақирона; ба монанди одамони қашшоқ, мисли камбағалон; **зиндагонии қашшоқона доштан** (*ё кардан*) камбағалона зиндагонӣ кардан.

**ҚАЪР** قعر *а.* 1. таг, тахт, бун: **қаъри баҳр, қаъри дара, қаъри дарё, қаъри чоҳ, қаъри чарӣ, аз қаъри баҳр нафт кашидан**. 2. умқ, чуқурӣ, жарфо; *ба тариқи истиора*: **аз қаъри дил баромадан** (-и сухан, оҳу нола...); **ба қаъри замин даромада рафтан, ба қаъри чашми** *касе* **нигоҳ кардан, дар қаъри худ фурӯ кашидани замин** (*чизеро ё одамонро*); **қаъри асрҳо** гузаштаи хеле дур: **аз қаъри асрҳо расидан, ба қаъри асрҳо расидан**.

**ҚИБАЛ** *а.* قبل *кит.* 1. ҷониб, тараф, сӯй. 2. ҷиҳат, сабаб; **аз қибали**... а) аз ҷониби..., аз тарафи...; б) аз ҷиҳати..., аз сабаби...; **з-ин қибал** аз ин ҷиҳат; аз ин бобат.

**ҚИБЛА** *а.* قبله 1. тарафе, ки мусулмонон ба он рӯ оварда, намоз мехонанд: **хонаи Каъба, қиблаи хонақоҳ, хонаи рӯ ба қибла, ба қибла нигоҳ кардан, рӯ ба қибла овардан (истодан, нишастан)**. 2. умуман ҷои парастиш, парастишгоҳ; **чор тарафат қибла**! ба куҷое, ки хоҳӣ, рафтан гир!

**ҚИБЛАГОҲ** قبله گاه 1. *кит.* макони парастиш, самти парастиш. 2. *маҷ.* падар (*фарзандон падари худро эҳтиромона қиблагоҳ меноманд*).

**ҚИБЛАГОҲӢ** قبله گاهی *ниг.* **қиблагоҳ**.

**ҚИБЛАЗАН** قبله زن *кит.* 1. даврзананда, гардананда, чархзананда. 2. *киноя аз* ситора.

**ҚИБЛАНАМО** قبله نما абзоре монанди қутбнамо, ки бо истифода аз он метавон самти қибларо муайян намуд.

**ҚИБТ** قبط мардуми таҳҷоии Миср, ки масеҳӣ ҳастанд; *муқоб.* **сибт** (*мардумони омада аз авлоди Яъқуб*). Фарзияе вуҷуд дорад, ки ин калима ва шакли дигари он **копт** (coptes) бо номи **Египет** (Egypte) ҳамреша аст.

**ҚИБТӢ** قبطی *мансуб ба* **қибт**; намояндаи мардуми қибт: **забони қибтӣ**.

**ҚИВОМ** *а.* قوام *кит.* 1. он чи ё он ки сабаби пойдории коре ё чизе бошад; поя, сутун. 2. низом, тартиб.

**ҚИДМАТ** *а.* قدمت *кит.* қадимӣ, деринагӣ.

**ҚИЁҚ** *т.* قیاق алафи ботлоқие, ки баргҳои борики дароз дорад.

**ҚИЁМ** I *а.* قیام 1. истодан, рост истодан, рост хестан, ростистӣ. 2. рост шудани офтоб дар болои сар (самтурраъс), ки дар нисфирӯзӣ ба амал меояд: **ба қиём омадани** (*ё расидани*) **офтоб, офтоби ба қиём омада** (*ё расида*), **вақти ба қиём омадани офтоб, то ба қиём омадани офтоб**. 3. саркашӣ, нофармонӣ, исён, шӯриш; **шӯру қиём** ошӯб ва исён; **қиём кардан // қиём намудан** бар зидди касе бархестан (ба по хестан), исён бардоштан, шӯриш кардан; **қиёми қиёмат** *д.* фаро расидани рӯзи қиёмат; **то қиёми қиёмат** то охири дунё. 4. рост истодан дар вақти намоз. 5. *маҷ.* ҳастӣ, вуҷуд, мавҷудият.

**ҚИЁМ** II *а.* قیام 1. об андохта ҷӯшонда ғафс кардани шакар. 2. шираи то ғализӣ ҷӯшондашудаи гиёҳ, бутта, мева *ва м. ин.*; **қиёми парпӣ, қиёми тахач, қиёми зирк, қиёми шакар, қиёми шираи мева; қиём гирифтан (ба қиём овардан);** ҷӯшонда ба ҳолати ғализӣ расондани шакари дар об ҳалшуда ё шираи гиёҳ, бутта *ва м. ин.* мевае.

**ҚИЁМАТ** *а.* قیامت 1. *кит.* рост шуда ба по истодан. 2. *д.* зинда шуда хестан пас аз марг, растохез; **рӯзи қиёмат// фардои қиёмат** аз рӯи ақидаи динӣ рӯзе, ки ҳамаи мурдагон зинда шуда, аз гӯр мехезанд ва аз кору кирдорашон ҳисобот медиҳанд, рӯзи ҷазо, явмуддин, рӯзи ҳисоб, рӯзи ҳашр. 3. шӯру ғавғо, ҳангома, ошӯб. 4. *маҷ.* ҳар чизи олӣ, тааҷҷубовар; **то қиёмат** а) то дунё ҳаст; б) *маҷ.* доимо, ҳамеша; **қиёмат бархостан** барпо шудани шӯру ошӯби умумӣ бо сабаби коре ё хабаре; барпо шудани шӯру ғавғо; **қиёмат кардан** а) шӯру ошӯби бузург барпо кардан; шӯру ғавғо барпо кардан; б) *маҷ.* бо кори ниҳоят олию аҷиби худ шӯру ғавғо барангехтан; мӯъҷиза нишон додан. **аз гӯру қиёмат гап задан** *д.* аз азоби он дунё, мурдану зинда шудан ва дигар ҷазоҳои рӯзи қиёмат сухан ба миён овардан; **қиёмат қоим шудан** қиёмат барпо шудан; рӯзи қиёмат фаро расидан; **ба қиёмат намондан** дар вақти зинда будани худ қарзеро адо кардан ё кореро иҷро кардан; **гӯши ману девори қиёмат** (*мақ.*) дар мавриди

ҳеҷ гӯш накардан, тамоман аҳамият надодан ё бепарвоӣ зоҳир кардани касе ба коре ё чизе гуфта мешавад.

**ҚИЁМАТАНГЕЗ** **قیامت‌انگیز-** 1. шӯру ғавғо барпокунанда. 2. *маҷ.* ҳайратангез.

**ҚИЁМАТГОҲ** قیامت‌گاه 1. *д.* ҷои барпо шудани растохез. 2. *маҷ.* ҷои барпо шудани шӯру ғавғо, ҷои воқеъ шудани чизи аҷиб.

**ҚИЁМАТЗОР** قیامتزار *ниг.* **қиёматгоҳ**.

**ҚИЁМАТӢ**قیامتی **:бародари қиёматӣ, додари қиёматӣ** ба аҳду паймони бародарӣ то қиёмат (то дунё ҳаст) содиқ; *касеро* **додари қиёматӣ хондан (гирифтан)** бародархонд ҳисоб кардан, касеро ба бародархондӣ қабул кардан.

**ҚИЁМАТКАДА** قیامت‌کده *кит.* 1. ҷои ташвиш ва азоб. 2. *киноя аз* дил.

**ҚИЁМАТНИГАҲ** قیامت‌نگه *ниг.* **қиёматнигоҳ**.

**ҚИЁМАТНИГОҲ** قیامت‌نگاه *киноя аз* маҳбуб.

**ҚИЁМАТПАЙКАР** قیامت‌پیکر он ки андому пайкари бениҳоят зебо дорад, касе, ки бо пайкари зебои хеш шӯру шарар ангезад.

**ҚИЁМАТПЕША** قیامت‌پیشه он ки дар кори худ қиёмат кунад, касе, ки кору кирдори ҳайратангез содир намояд.

**ҚИЁМАТҶИЛВА** قیامت‌جلوه қиёматпайкар, андоми бениҳоят зебо ва мафтунгар.

**ҚИЁМАТХИРОМ** قیامت‌خرام он ки дар нозу ҳаракат шӯру қиём барпо кунад, хушрафтор, хушхиром, хиромон.

**ҚИЁМКУНАНДА** I قیام‌کننده *сифати феълии замони ҳозира* аз **қиём (I) кардан**; исёнгар; шӯришгар.

**ҚИЁМКУНАНДА** II قیام‌کننده *сифати феълии замони ҳозира* аз **қиём (II) кардан**; он, ки бо тайёр кардани қиёми шакар ва қиёми шираи гиёҳу бутта ва мева машғул аст.

**ҚИЁМҚУТТӢ** قیام‌قوطی қуттӣ барои нигоҳ доштани зарфҳои дорои қиём II.

**ҚИЁС** *а.* قیاس 1. андоза гирифтан миёни ду чиз, андозагирӣ, муқоиса. 2. *фалс.* шакли хулосабарорӣ, ки аз ду муқаддима як хулосаи мантиқӣ бароварда мешавад (силлогизм); **қиёс кардан** а) ду чизро бо ҳам муқоиса кардан; б) тахмин кардан; дарёфтан.

**ҚИЁСАН** *а.* قیاساً 1. аз рӯи қиёс, ба таври муқоиса. 2. аз рӯи тахмин, тахминан.

**ҚИЁСӢ** قیاسی *мансуб ба* **қиёс**; аз рӯи қиёс; **вазни қиёсӣ** *ниг.* **вазн (вазни хос)**.

**ҚИЁФА** *а.* قیافه шакли зоҳирии инсон, шаклу шамоил; афт, рӯй, чеҳра; симо, сурат, намуди берунии чизе.

**ҚИЁФАБОЗӢ** قیافه‌بازی навъе аз санъати ҳунарварӣ, ки ҳунарпеша ба воситаи ҳаракатҳои чашм ва мушакҳои рӯй ҳиссиёту рӯҳияи қаҳрамони асари саҳнавиро ифода мекунад.

**ҚИЁФАСОЗӢ** قیافه‌سازی сохтани намуди зоҳирии шахс аз рӯи гуфтаҳои шоҳидон.

**ҚИЁФАШИНОС** قیافه‌شناس *нав.* он ки ботини шахсро ба зоҳири вай нигоҳ карда, дарк ва муайян мекунад, мутахассиси физиономика.

**ҚИЁФАШИНОСӢ** قیافه‌شناسی 1. аз зоҳир (сурат) пай бурдани ботин (сират), ки Буқрот (Гиппократ) ба чунин қобилият доро будааст; фаросат. 2. муайян ва тавсиф намудани симоҳои (образҳои) асар, чеҳрашиносии асари бадеӣ. 3. муайян кардани хусусиятҳои чеҳра, сурат, рӯй. 4. илме, ки далелҳои шабоҳат ва тафовути чеҳраву андоми ду нафарро (*бо мақсади муайян сохтани валодат, ирсият ва г.*) таҳқиқу ошкор месозад, антропология.

**ҚИҚИРРОС** ققرّاس *гуфт., калимаи тақлиди овози* хандаи тамасхуромези начандон баланд: **қиқиррос зада хандидан**.

**ҚИЛ** I *а.* قیل гап, гуфтор; **қилу қол** а) гуфтугӯ, гуфтугузор; баҳсу мунозира; кашмакаши лафзӣ; хархаша, ҷанҷол; б) *маҷ.* тафсил, ҷузъиёт.

**ҚИЛ** II قیل мӯй, мӯи думи асп; **қилро кашидан** амали касеро маҳдуд кардан; *муқ.* **таноби** *касеро* **кашидан; қилро аз хамир ҷудо кардан** *ниг.* **мӯй(ро) аз хамир ҷудо кардан**.

**ҚИЛЛАТ** *а.* قلّت *кит.* камӣ, андак будан; *муқоб.* **касрат, қалил будан**.

**ҚИЛОДА** *а.* قلاده *кит.* банди гардани ҳайвонот, гулӯбанд, гарданбанд.

**ҚИЛТИҚ** *т.* قلتيق 1. устухони майдаи моҳӣ, сӯк. 2. сихҳои нозуки сари хӯшаи ҷаву гандум, сӯк.

**ҚИЛТИҚДОР** قلتيق‌دار 1. дорои устухони майда: **моҳии қилтиқдор (сӯкдор)**. 2. хӯшаҳои гандум ё ҷав, ки дорои сӯк мебошанд, хӯшаҳои сӯкдор.

**ҚИЛУҚОЛ** قيل‌وقال гуфтугӯй бо овози баланд; баҳсу мунозираи пурхурӯш; **бе қилуқол** а) бегуфтугӯ, бешубҳа; б) бидуни баҳсу мунозира; бе муҳокима.

**ҚИМА** *т.* قيمه 1. гӯшти кӯфта; гӯшти майда буридашуда: **қима кардан, қима шудан; қима - қима кардан** а) пора-пора кардан, хурд-хурд реза кардани чизе; б) *маҷ.* сахт зарбу лат кардани касе, сахт маҷрӯҳ кардани касе. 2. навъи хӯрок, ки аз гӯшти қима ё нарм кӯфташуда тайёр мекунанд.

**ҚИМААНДОЗӢ** قيمه‌اندازى амали қима кардани гӯшт, аз чарх гузаронидани гӯшт.

**ҚИМАБОБ** قيمه‌باب гӯште, ки барои қима кардан мувофиқ аст.

**ҚИМАКАБОБ** قيمه‌كباب навъи кабоб, ки аз гӯшти қима тайёр мекунанд.

**ҚИМАПАЛАВ** قيمه‌پلو палаве, ки гӯшти он аз қима иборат аст, палави қимадор.

**ҚИМАТ** *а.* قيمت 1. баҳо, нарх, арзиш: **қимати баланд (***ё* **муносиб) додан; ба қимати**... ба нархи...; **қимат додан** нарх мондан, баҳо додан, арзиш муайян кардан ба чизе; **қимат доштан** арзиш доштан, арзидан. 2. гарон, пурбаҳо; *муқоб.* **арзон**; аз арзиши худ зиёдтар, аз нархи муқарарӣ болотар: **қимат будан, қимат фурӯхтан, қимат харидан; гавҳари қимат** гавҳари пурқимат; **қимат кардан** а) баҳои чизеро муқаррар намудан; б) *гуфт.* нархро боло бурдан, ба чизе аз арзишаш зиёдтар нарх мондан; **қимат шудан** гарон шудан, боло рафтан (баланд шудан)-и нарх. 3. арзиш, қадр, қурб; шоистагӣ, барозандагӣ; **қимати бадеӣ** арзиш аз ҷиҳати бадеият; **қадру қимат** эътибору арзиш; **аз ҳама қиматтар** аз ҳама бақадртар, ниҳоят азиз; **қимати** *чизеро* **донистан** баҳои ҳақиқии чизеро муайян кардан ва донистан; ба қадри чизе расидан; **қимат афтодан** (*ё галтидан*) гаронтар воқеъ шудан, бо нархи гарон ба даст даромадани чизе; бо харҷи зиёд ичро шудани коре; **қимати** *чизеро* **шикастан** қадру эътибори чизеро паст кардан, чизеро беқадр кардан; **ба қадру қимати** *чизе* **расидан** *ниг.* **қадр**; **баробари ҷон қимат доштан** фавқулода гаронқадр будан.

**ҚИМАТБАҲО** قيمتبها он чи қимати зиёд дорад, пурарзиш, пурбаҳо, гаронбаҳо; *муқоб.* **арзонбаҳо: мукофоти қиматбаҳо, тӯҳфаи қиматбаҳо...; гавҳари қиматбаҳо** а) дурри гаронбаҳо; б) *киноя аз* чизи ниҳоят пурарзиш.

**ҚИМАТДОР** قيمت‌دار *ниг.* **қиматнок**.

**ҚИМАТӢ** قيمتى 1. *мансуб ба* **қимат**. 2. гаронӣ; беҳад зиёд будани нархи чизҳо (*дар хушксолӣ ва г.*): **қаҳтӣ ва қиматӣ**.

**ҚИМАТНОК** قيمتناک 1. он чи дорои арзиш аст, боарзиш. 2. дорои арзиши зиёд, гаронбаҳо; **коғазҳои қиматнок** вомбарг, вексел, саҳм ва дигар варақаҳои баҳодор, ки воситаи додугирифт, харидуфурӯш ва манбаи суду даромад мебошанд.

**ҚИМАТСАНҶ** قيمتسنج муайянкунандаи баҳо, таъйинкунандаи нарх ва арзиши чизе.

**ҚИМАТШАВӢ** قيمتشوى *исми амал аз* **қимат шудан**; афзудани нарху наво, зиёд шудани қимати молҳо.

**ҚИМИЗ** *т.* قميز як навъ нӯшокие, ки аз шири байтал (*ва ё шири шутур*) тайёр мекунанд.

**ҚИМОБ** قيماب *гуфт.* танаффур ва кароҳати табиӣ ё сохтаву бардурӯғи касе аз ягон чиз ё кас, ки зикр ёфтани он боиси оташинӣ ё масхараву мазоҳ кардани он кас мешавад; **қимоб будан** (*аз касе, чизе*) танаффур ва кароҳат доштан аз касе, чизе; **қимоб шудан** танаффур пайдо кардан ба касе, чизе, безор шудан аз касе, чизе.

**ҚИМОР** *а.* قمار 1. бозии ба пул, бозие, ки дар он бурду бохт ба пулу мол асос ёфтааст: **қимор бозидан, қимор задан**. 2. *ниг.* **қиморбозӣ**; **гӯш ба қимор** ниҳояти мунтазирӣ ба шунидани чизе.

**ҚИМОРБОЗ** قمارباز он ки бо бозии қимор машғул аст, он ки ба бозии бурду бохтнок одат кардааст.

**ҚИМОРБОЗӢ** قماربازى 1. бозие, ки дар он бурду

бохт ба пулу мол ё чизи дигаре асос ёфтааст. 2. *маҷ.* ҳар коре, ки эҳтимоли нек ё бад анҷом ёфтан дорад, кори ниҳоят таваккалӣ.

**ҚИМОРПЕША** قمارپیشه *ниг.* **қиморбоз**.

**ҚИМОРХОНА** قمارخانه ҷое, ки дар он қимор мебозанд.

**ҚИН** *т.* قین 1. азоб, шиканҷа; **қин кардан** сахт азобу шиканҷа додани гунаҳгорон дар вақти пурсиш, то ба гуноҳашон иқрор шаванд. 2. *гуфт.* душвор, мушкил, сахт, саъб; пурмашаққат.

**ҚИНҒОЛА** *т.* قنغاله арӯсе, ки ҳанӯз никоҳ нашуда бошад, духтари номзадшуда.

**ҚИНҒОЛАБОЗӢ** قنغاله‌بازی махфӣ ба мулоқоти арӯс омадани домод.

**ҚИНҒОЛБОЗӢ** قنغال‌بازی *ниг.* **қинғолабозӣ**.

**ҚИНӢ** قینی *гуфт.* душворӣ, мушкилӣ.

**ҚИР** I قیر кушокушӣ, куштори ҳамагонӣ; **қир кардан** куштан, несту нобуд кардан, маргу мири ҳамагонӣ; **қир шудан // қир гаштан** кушта шудан, несту нобуд шудан.

**ҚИР** II *ю.* قیر 1. моддаи сиёҳранге, ки вақти полудани нафт таҳнишин шуда мемонад ва он, аз ҷумла, дар мумфарш кардани роҳҳо ба кор меравад, қатрони нафт. 2. *маҷ.* сиёҳ.

**ҚИР** III قیر кӯҳи пастаки сангрезадор; баландӣ, пушта, адир, теппа.

**ҚИРАВ** قیرو шабнами яхбастаи барфрезамонанд, ки шабона дар ҳавои сард дар рӯи барги дарахтон ва сабзаҳо пайдо мешавад, ҷалид; **қирав бастан // қирав рехтан** пайдо шудани қирав, рӯи гиёҳҳо ва баргҳоро пӯшондани қирав.

**ҚИРАВБАСТА** قیروبسته *сифати феълии замони гузашта аз* **қирав бастан**; қиравдор; қиравзада: **шоххои қиравбастаи дарахтони канори роҳ**.

**ҚИРАВДОР** قیرودار қиравдошта, бо қирав пӯшондашуда.

**ҚИРАВЗАДА** قیروزده *сифати феълии замони гузашта аз* **қирав задан**; бо таъсири қирав аз сабзиш мондан: **баргҳои қиравзада, юнучқаи қиравзада**.

**ҚИРАВПӮШ** قیروپوش *ниг.* **қиравбаста**.

**ҚИРАНДУД** قیراندود бо қир андовашуда, қирмолида, қирнок; **қирандуд кардан** қир молидан бо мақсади муҳофизат аз обу рутубат.

**ҚИРГУН** قیرگون сиёҳ чун қир, ба ранги қир.

**ҚИРҒИЗ** قیرغیز 1. номи халқи туркнажод, ки аҳолии аслии Ҷумҳурии Қирғизистонро ташкил мекунад. 2. нафаре аз халқи қирғиз.

**ҚИРҒИЗӢ** قیرغیزی *мансуб ба* **қирғиз; забони қирғизӣ, кулоҳи қирғизӣ**...

**ҚИРИНДӢ** *т.* قیریندی **:қириндии сархонаи чилим** боқимондаи сӯхтаву нимсӯхтаи тамоку дар сархонаи чилим.

**ҚИРКУНАНДА** قیرکننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **қир кардан**. 2. нобудкунанда, сартосар куштаву несткунанда; **ҳавопаймои қиркунанда** *ҳ.* ҳавопаймое, ки ба ҳавопаймоҳои душман ҳамла бурда, нобуд месозад.

**ҚИРМИЗ** *ҳ.* قرمز 1. *кит.* як навъи кирмест ба андозаи наҳӯд, ки ранги сурх дошта ва дар беша ё дар дарахти булут ҷойгир аст ва рангсозон аз он ранги сурхи баланд месохтанд. 2. ранги сурхи баланд.

**ҚИРМИЗАК** قرمزک *зоол.* гамбуски арча.

**ҚИРМИЗИРАНГ** قرمزی‌رنگ як навъ ранги сурхи баланд; сурхранг.

**ҚИРМИЗИТОБ** قرمزی‌تاب ранге, ки ба қирмизӣ наздик аст; *ниг.* **қирмизиранг**.

**ҚИРМИЗӢ** قرمزی ба ранги қирмиз, арғувонӣ; сурх: **пиёлаи қирмизӣ, чойники қирмизӣ**.

**ҚИРОАТ** *а.* قرائت 1. хондан, хониш (-и китоб, рӯзнома, шеър *ва г.*): **китоби қироат, китоби хониши мактабӣ**. 2. хондани Қуръон; **қироат кардан** а) ба овози баланд (*бо риояти илми таҷвид*) хондани оятҳои Қуръон; б) хондан, мутолиа кардан (*мас., шеърро*).

**ҚИРОАТКУНАНДА** قرائت‌کننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **қироат кардан**. 2. хонандаи оятҳои Қуръон, қорӣ.

**ҚИРОАТХОНА** قرائت‌خانه ҷое, ки дар он китоб, рӯзнома *ва г.* ба хондан дода мешавад; дар китобхона ва муассисаҳо хонаи махсус барои

мутолиаи китобҳо.

**ҚИРОБ** I قيراب *ниг.* **қирав**.

**ҚИРОБ** II *а.* قراب қиём, ғилофи шамшер.

**ҚИРОН** I *а.* قران 1. *кит.* наздик шудан, пайвастани чизе ба чизе. 2. *нуҷ.* ба ҳам наздик омадани ду сайёра дар як бурҷ; *муқ.* **соҳибқирон; ҳаҷҷи қирон** *д.* он давраи маросими зиёрати Каъба, ки дар он ҳаҷ ва умра ба ҳам мувофиқат кунад, бо ҳам омадани ҳаҷ ва умра; **қирон кардан** ба якдигар наздик шудан (-и сайёраҳо); **қирон сохтан** ба ҳам овардан, наздик сохтан.

**ҚИРОН** II قران несту нобуд шудан, маҳв шудан; **қирон овардан ба касе** (чизе) *ниг.* **ба тухми** *кас (чизе)* **қирон овардан; қирон омадан ба** *касе(чизе) ниг.***ба тухми** *касе (чизе)* **қирон омадан** нобуд шудан, маҳв гардидан, фано ёфтани касе (чизе); фаро расидани вақти несту нобуд шудани касе (чизе); **ба тухми** *касе(чизе)* **қирон овардан** *тарзи бавоситаи* **ба тухми** *касе (чизе)***қирон омадан**.

**ҚИРОН** III قران воҳиди пули нуқраи Эрон то ҷорӣ шудани риёли ҳозира, ки аз сиккаҳои нуқрагин иборат буда, дар давраи Қоҷор ва аввалҳои салтанати Паҳлавӣ гардон буд.

**ҚИРОТ** *ю.* قراط 1. ченаки вазн, ки тахминан ба 0,2 грамм баробар аст ва асосан дар баркашидани ҷавоҳирот истифода мешавад. 2. *маҷ.* миқдори бисёр ками чиз.

**ҚИРПӮШ** قيرپوش бо қир пӯшонидашуда; **роҳи қирпӯш** роҳи асфалтпӯш, роҳи мумфарш.

**ҚИРРА** قرّه рах, тарош, паҳлу; **қирраи бел** тарафи паҳлуи бел, паҳлӯи бел; **қирраи кӯҳ** теғаи кӯҳ; **бо қирраи чашм нигоҳ кардан** (*ё* мушоҳида кардан) бо як кунҷи чашм (рӯйиро натофта ва ноаён) нигоҳ кардан (*ё* мушоҳида ва ё назорат кардан).

**ҚИРРАДОР** قرّه‌دار теғадор: **бинии қиррадор**.

**ҚИРРОС** قرّاس *гуфт. калимаи тақлиди* овози тези ба ҳам расидан ё соиш хӯрдани чизҳои филизӣ; ғичиррос.

**ҚИРСОС** قرساس *гуфт. калимаи тақлиди* овозе, ки аз шикастани алаф ва шохчаҳои хушк *ва г. инҳо* ҳосил мешавад: **қирсос зада шикастан**.

**ҚИРТОС** *а.* قرطاس *кит.* коғаз, саҳифае, ки бар он менависанд.

**ҚИРТОСӢ** قرطاسی *мансуб ба* **қиртос**; *мансуб ба* **коргузорӣ**; **маводи қиртосӣ** маводи коргузорӣ.

**ҚИСАС** *а.* قصص *ҷ.* **қисса**.

**ҚИСИР** *т.* قسير бордорнашуда: **модагови қисир, гӯсфанди қисир; қисир мондан** бордор нашуда мондан, бача накарда мондан (-и гов, гӯсфанд *ва г.*)

**ҚИСИРӢ** قسيری қисир будан; қисирмонӣ, назоида мондан (-и чорпо).

**ҚИСИР-ҚИСИР** قسيرقسير *калимаи тақлиди* овозе, ки аз шикастани чӯб, шохи дарахт, танаи гиёҳҳои хушк *ва м. инҳо* мебарояд; қисиррос.

**ҚИСИРМОНДА** قسيرمانده *сифати феълии замони гузашта аз* **қисир мондан**; чорвое, ки бордор нашуда мондааст.

**ҚИСИРМОНӢ** قسيرمانی бордор нашуда мондани чорво.

**ҚИСИРРОС** قسيرّاس *калимаи тақлиди* овози шикастан ё қариб ба шикастан расидани симчӯб, болор, курсӣ *ва г.*: **қисиррос задан**.

**ҚИСМ** *а.* قسم 1. ҷузъе аз чизе, порае аз чизе, ҷузъ, ҳисса, пора, бахш. 2. ҷиҳозе, ки ҷузъи таркибии олоте аз таҷҳизот мебошад; **қисмҳои эҳтиётӣ** аҷзои таркибии олати техникӣ барои дар вақти шикастан ё корхӯрда шудани аъзои аслӣ иваз кардани онҳо. 3. тақсимоти идорӣ, ки ба соҳае хос аст, шӯъба: **қисми илмӣ, қисми таълимӣ**. 4. *ҳ.* воҳиди ҷудогонаи низомӣ: **қисми беҳдошт, қисми танкӣ; қисми ҳарбӣ** воҳиди ҳарбӣ. 5. ҷузъе аз асари бузург: **қисми аввали "Ёддоштҳо"-и С. Айнӣ**. 6. навъ, хел, гуна; соҳати...: **дар қисми пеши ин майдон, дар қисми шимолии шаҳр...; як қисм** қисме, бархе, баъзе; гурӯҳе: **як қисми мусофирон, як қисм заминҳои фалонӣ**; **қисм-қисм** ҷузъ-ҷузъ, ба қисмҳо ҷудо карда (баркашидан, гузаронидан); **қисми бадеӣ** консерт дар охири маҷлисҳои тантанавӣ.

**ҚИСМАН** *а.* قسماً як қисм..., як ҳиссае...; то ҳадде, то андозае.

**ҚИСМАТ** *а.* قسمت 1. ҳисса, бахш, қисм. 2.

насиб, баҳра; **қисмати азал(ӣ)** тақдир, сарнавишт.

**ҚИСМАТХӮР** قسمت‌خور *кит.* 1. рӯзихур, он ки аз ризқу рӯзӣ баҳра мегирад. 2. *маҷ.* бандаи Худо.

**ҚИССА** *а.* قصّه 1. ҳикоят, нақл; ривоят; саргузашт; хабар, ҳадис; шарҳи ҳол; **қиссаи ғамангез, қиссаи шабҳои ҳиҷрон; қисса гуфтан...; қиссаи** *касе* саргузашти касе, воқеаи бо касе рӯйдода. 2. *киноя аз* афсона, суханҳои бофта; **қисса кӯтоҳ** хулласи калом, алқисса, мухтасаран; **ҳисса аз қисса** нақли мухтасар аз ҳикояи муфассал, шаммае аз ривояте; **қисса дароз кардан** пурҳарфӣ ва гуфтани суханони беҳудаву бемавқеъ.

**ҚИССАГӮӢ** قصّه‌گوئی *исми амал аз* **қисса гуфтан**; машғулияти қиссагӯй.

**ҚИССАГӮЙ** قصّه‌گوی он ки ҳикояте, ривояте ё саргузаштеро барои дигарон нақл мекунад, достонгӯй.

**ҚИССАПАРДОЗ** قصّه‌پرداز *ниг.* **қиссагӯй**.

**ҚИССАХОН** قصّه‌خوان 1. он ки қиссаҳоро аз рӯи китоб ба дигарон мехонад, гӯяндаи достон, қос. 2. шуғле будааст мураввац дар байни аҳли шиа дар давраи сафавиён ва гурӯҳе аз шоирон, ки бо касби қиссахонӣ низ машҳур будаанд.

**ҚИССАХОНӢ** قصّه‌خوانی қисса хондан; машғулияти қиссахон.

**ҚИСТ** *а.* قسط *кит.* 1. адлу инсоф, дод. 2. ҳисса, насиб, бахш, қисме аз чизе; **ба қист фурӯхтан** (*ё* **харидан)** *нав.* тарзи фурӯш (*ё* харид)-и мол ба қарз, ки харидор қимати онро на якбора, балки қисм-қисм мепардозад.

**ҚИСТОС** *ю.* قسطاس *кит.* тарозу, тарозуе, ки хеле дуруст бармекашад, тарозуи ҳассос.

**ҚИТИҚ** *т.* قتیق эҳсосе дар кафи пой, дар зери бағал ва дар баъзе ҷои дигари бадани одам, ки бо расидани сари ангуштони дасти бегона *ва г.* кас беихтиёр ба ханда меояд: **қитиқ доштан**; **қитиқ кардан** сабукак бо ангуштон таги бағал ё кафи пои касеро хӯронда, ӯро беихтиёр ба ханда овардан; ◊ **ба қитиқи** *касе* **расидан** ба касе сухани қаҳровари ӯро гуфтан; ғаши касеро овардан, бо сухане боиси асабонияти касе гардидан.

**ҚИТИҚОВАР** قتیق‌آور коре ё чизе, ки ҳисси қитиқи касеро меоварад.

**ҚИТОЛ** *а.* قتال *кит.* кушокушӣ дар ҷанг; ҷанг, масоф.

**ҚИТЪА** *а.* قطعه 1. порае аз чизе, тикка, пора, порча; порчаи замини корам. 2. *ҷугр.* ҳар яке аз хушкиҳои бузурги кураи Замин, (Осиё, Африқо, Аврупо, Амрико, Австралия, Антарктида). 3. *адш.* яке аз намудҳои назм, ки матлаъ надорад ва мисраи дуюми ҳамаи байтҳо ҳамқофия омада, дар он аз як мавзӯъ сухан меравад.

**ҚИТЪАВӢ** قطعه‌وی *мансуб ба* **қитъа** 2; хоси яке аз қитъаҳои олам.

**ҚИФ** *а.* قیف даҳанаи поёнаш борик барои ба зарфҳои даҳонтанг рехтани моеъҳо.

**ҚИФОЛ** *ю.* قیفال яке аз рагҳои бадани одам, ки дар даст намоён аст.

**ҚИФШАКЛ** قیف‌شکل аз ҷиҳати шакл ба қиф монанд, мисли қиф даҳонвасеу думборик.

**ҚИШЛОҚ** *т.* قشلاق 1. деҳ, деҳа, қаря, русто. 2. *таър., кҳн.* ҷои зимистонгузаронӣ; *муқ.* **айлоқ**.

**ҚИШЛОҚИДУХТАР** قشلاقی‌دختر духтари деҳотӣ, духтари зоидашуда ва сокин дар деҳот.

**ҚИШЛОҚӢ** قشلاقی *мансуб ба* **қишлоқ**; деҳотӣ, сокини деҳ.

**ҚИШЛОҚҶОЙ** قشلاق‌جای қишлоқ, берун аз шаҳр.

**ҚИШР** *а.* قشر пӯст, пӯчоқ; **қишри Замин** табақаи болоии Замин.

**ҚОБ** *т.* قاب ғилофи ашёи хурд: **қоби айнак**.

**ҚОБИЗ** *а.* قابض 1. *кит.* қабзкунанда, гиранда; қабулкунанда. 2. миронанда, берункашандаи ҷон. 3. *тиб.* доруе, ки дарунравиро нигоҳ медорад, давои зидди исҳол; ◊ **қобизи рӯҳ** гирандаи ҷон, Азроил.

**ҚОБИЛ** I *а.* قابل 1. қобилиятнок, истеъдоднок, мустаид, лаёқатманд; **қобили ҳунаре донистан** касеро ба ҳунаре лоиқ ҳисоб кардан. 2. лоиқ, сазовор, муносиб; **қобили** *чизе (ё коре)* а) сазовори (лоиқи) коре ё чизе, арзанда ба коре ё чизе: **қобили мадҳ, қобили тамошо, қобили тарбия, қобили тасвир**...; б) муносиби

(дархӯри, боби) чизе ё коре, мувофиқ ба коре ё чизе: **замини киштукор, ҳуҷраи қобили истиқомат, қобили нишастан набудан...; қобили зикр** арзанда ба зикр кардан; (мавзӯи) боаҳамият; **қобили муқоиса** муқоисашаванда, **қобили хӯрдан** хӯрданибоб; **қобили қабул** муносиб, пазируфтанӣ; **аҳолии қобили меҳнат** мардуми коршоям; қувваи қобили меҳнат; **қувваи қобили меҳнат** қувваи (мардум) корояна, қувваи корӣ; **қобил гардидан** (*барои коре*) мувофиқ гардидан, дархӯри коре шудан, коромад (*барои мақсаде*). 3. *гуфт.*, *мач.* ҳалиму ботамкин, хушфеълу нарм; гапдаро; **қобилу гапдаро** ҳалиму гапгир; **қобилу ҳалим** нарму хушфеъл, хушахлоқ; **қобил шудан** ҳалиму гапдаро шудан, нарм гаштан.

**ҚОБИЛ** II *а.* قابل *исми фоил аз* **қабул кардан**; пазиранда, қабулкунанда.

**ҚОБИЛ** III قابيل *д.* бародари Ҳобил, номи фарзандони Одам ва Ҳавво (*дар Таврот ба шакли Қоин омадааст*).

**ҚОБИЛА** I *а.* قابله *муаннаси* **қобил**.

**ҚОБИЛА** II *а.* قابله момодоя, доя, зане, ки бача зоёнад.

**ҚОБИЛАК** قابلک *шакли тасғир ва навозиши* **қобил**.

**ҚОБИЛИЯТ** *а.* قابليت 1. истеъдоди зотӣ, лаёқат, қареҳа: **қобилияти фавқулода, қобилияти шоирӣ**. 2. лоиқӣ, сазоворӣ, муносиб будан; **қобилияти истиқоматӣ** қобили истиқомат будан, муносиби зиндагонӣ будан; **қобилият доштан** а) лаёқат доштан, соҳиби истеъдоди зотӣ будан; б) лоиқ будан, сазовор будан, қобил будан; **қобилияти корӣ доштан** кор карда тавонистан, аз ӯҳдаи кор кардан баромадан; **қобилияти меҳнат надоштан** кор карда натавонистан, коршоям набудан.

**ҚОБИЛИЯТНОК** قابليتناک соҳиби истеъдод, лаёқатманд, лоиқ.

**ҚОБИЛИЯТНОКӢ** قابليتناکی қобилиятнок будан, соҳиби лаёқат будан, истеъдод доштан.

**ҚОБИЛӢ** I قابلی 1. қобилият, истеъдоднокӣ, лаёқат. 2. қобил (3) будан, ҳалиму хушфеъл будан; гапдароӣ.

**ҚОБИЛӢ** II قابلی :**палави қобилӣ** як навъ оши палав, ки ба болои гӯшту равған биринҷи хомро андохта ҷӯшонда мепазанд.

**ҚОВҒА** *т.* قاوغه зарфи чармини обкашӣ, қавға.

**ҚОҒОТӢ** قاغاتی :**чормағзи қоғотӣ** чормағзи тунукпӯст.

**ҚОДИР** *а.* قادر тавоно, муқтадир, зӯрманд, соҳиби қудрат; **дасти қодир** а) дасти тавоно; б) *мач.* иқтидор, қудрат; **устоди қодир** устоди пурҳунар; ҳунарманди бузург; **қодир будан** қудрати ба ҷо овардани коре доштан, карда тавонистани кореро; **ба ҳар кор қодир** ҳама кор аз дасташ меояд, аз ӯҳдаи ҳар кор мебарояд.

**ҚОДИРАНДОЗ** قادرانداز *таър.* тирандози моҳир, ки камонҳои сахттаринро ҳам кашида метавонист ва тираш бехато ба нишон мерасид.

**ҚОДИРИЯ** قادريه *д.* номи яке аз тариқаҳои тасаввуф аст, ки ба номи асосгузораш Абдулқодири Гелонӣ гузошта шудааст.

**ҚОДИРӢ** قادری иқтидор, тавоноӣ.

**ҚОДИҲ** *а.* قادح *кит.* 1. фарсудагии дандон. 2. айб, нақс, табоҳӣ. 3. айбкунанда, таъназананда.

**ҚОЗ** *т.* قاز як навъ мурғи обии ваҳшӣ ва хонагии гардандарози калонтар аз мурғобӣ, ғоз; ◊ **қоз чаронидан** кори беҳуда кардан.

**ҚОЗГИР** قازگير қозгиранда, шикоркунандаи қоз; ◊ **иштиҳои қозгир** иштиҳои ниҳоят зиёд; **иштиҳо қозгир шудан** хеле гурусна ва толиби хӯрок шудан.

**ҚОЗИБОЗӢ** قاضیبازی *таър.* кашмакаш ва мурофиаи қозихонагӣ, ба қозихона даводавӣ кардан бо мурофиае; *муқ.* **судбозӣ**.

**ҚОЗИГӢ** قاضیگی *таър.* вазифа ва кори қозӣ; қозӣ будан; ҳакамӣ; **қозигӣ кардан** қозӣ будан, вазифаи қозиро ба ҷо овардан.

**ҚОЗИЁТ** قاضيات *кҳн.* идорае, ки масъалаву баҳсҳоро (*дар байни аҳли ислом*) мувофиқи қонунҳои куллии шариат баррасӣ ва ҳал менамояд.

**ҚОЗИЗОДА** قاضیزاده *кҳн.* фарзанди қозӣ, писар

ё духтари қозӣ.

**ҚОЗИКАЛОН** قاضی‌کلان *таър.* сардори қозиён; яке аз мансабҳои олии рӯҳонӣ дар аморати Бухоро, ки шахси дувум дар идораи умури давлатӣ ба шумор мерафт (*пас аз қушбегӣ*).

**ҚОЗИХОНА** قاضی‌خانه *таър.* маҳкамаи қозӣ, дорулқазо, ки мурофиаҳо дар он ҷо анҷом меёфтанд; **ба қозихона кашидан** (*касеро*) ба касе даъвогар шуда, ӯро барои мурофиа ба қозихона бурдан; *муқоб.* **ба суд додан**; ◊ **гапро ба қозихона бурдан** аз пайи таҳқиқи гапе шудан, ба таги гап расиданӣ шудан.

**ҚОЗИХОНАГӢ** قاضی‌خانگی *мансуб ба* **қозихона**; **никоҳи қозихонагӣ** *кҳн.* маросими никоҳи духтарони гуреза (гурезондашуда), ки дар қозихона ба расмият дароварда мешуд; **хати қозихонагӣ** *кҳн.* ҳуҷҷате, ки дар қозихона сабт ва қайд шудааст, хате, ки эътибори қонунӣ дошт.

**ҚОЗИЮЛҚУЗОТ** قاضی‌القضات *таър.* унвони қозикалонҳои Бухоро.

**ҚОЗИЮЛҚУТ** *а.* قاضی‌القوت *кит.* расонандаи рӯзӣ, парвардигори ризқ (*сифати Худо*).

**ҚОЗИЮЛҲОҶОТ** *а.* قاضی‌الحاجات *д.* барорандаи ҳоҷат ва ниёзҳо ( *сифати Худо*).

**ҚОЗӢ** I *а.* قاضی 1. *кит.* қазоваткунанда, ҳукмбароранда, довар, ҳакам. 2. *таър.* мансабдори шаръӣ дар аморати Бухоро, ки масъалаҳои бахсноки ҳуқуқӣ ва ҷиноятҳои содиршударо аз рӯи нишондоди шариат ҳал мекард; фақеҳе, ки мурофиотро дар мавриди ихтиллофу низоъ байни мардум мувофиқи қонуни шариат ҳал мекард; *муқ.* **судя; қозии калон** *ниг.* **қозикалон; қозии ҳақиқӣ** а) қозии аз рӯи ҳақиқат амалкунанда; б) сифати Худо; **қозӣ шудан** а) ба мансаби қозигӣ расидан; б) *гуфт.* ҳакам шудан; **ба тахтаи қозӣ кашидан** *маҷ.* истинтоқ карда, танбеҳ додан.

**ҚОЗӢ II** *а.* قاضی *д.* касе, ки намозро бо қазо мехонад, қазохон, вомгузор.

**ҚОИД** I *а.* قائد *кит.* 1. асокаш, роҳнамои шахси нобино. 2. *маҷ.* роҳнамо, роҳбар, пешво; ◊ **қоиди тақдир** (*сифати Худо*).

**ҚОИД** II *а.*قاعد *кит.* нишинанда, нишаста; *муқоб.* **қоим**.

**ҚОИДА** *а.* قاعده 1. бунёд, асос, асл; қонун; дастур: **қоидаҳои арӯз, қоидаҳои грамматика, қоидаҳои имло, қоидаҳои ҳисоб, қоидаву қонун**. 2. расм, оин, тартиботи муқарраршуда; **қоидаҳои тартиботи дохилӣ, қоидаҳои ҳаракати бехатари нақлиёту пиёдагардон дар роҳҳо; аз рӯи қоида // мувофиқи қоида** а) мутобиқи қоида, дар асоси қонун; б) мутобиқи расму оин; тибқи тартибу низоми муқарраршуда; в) чунон ки бояд, чунон ки лозим аст; **қоидаро вайрон кардан** бар хилофи қоидае амал кардан; қонуншиканӣ кардан; **қоидаи бозиро риоя кардан** риоя кардани тартибу низоми бозӣ; **қоида ҳамин ки**... расму одат ҳамин ки..., таомул шудааст, ки...

**ҚОИДАДОН** قاعده‌دان донандаи қоида 1,2; сахт риоякунандаи қоидаҳо.

**ҚОИДАТАН** *а.* قاعدتاً 1. мутобиқи қоида; аслан, асосан. 2. аз рӯи расму таомул; маъмулан.

**ҚОИЛ** *а.* قائل 1. иқроркунанда ба гуноҳи худ; эътирофкунанда, тандиҳанда; **қоил кардан** бо ҳунар, кор ё дониши худ эътирофи касеро ба даст овардан, водор ба тандиҳӣ кардан; **қоил шудан** ҳунарнамоии касеро эътироф кардан, ба кордории касе тан додан. 2. гӯянда, сухангӯ.

**ҚОИМ** *а.* قائم 1. рост, устувор, истода, барпо; **қоим будан** устувор будан, поянда будан; пойдор истодан; барпо шудан; **қиёмат қоим шудан** қиёмат барпо шудан; **қоим ба зот** ба аслу зоти худ пойдор; абадӣ, ҷовид. 2. моланда, даллок (*дар ҳаммом*), масхгар. 3. *кҳн.* халта (киса, ҷаъба)-и чармӣ барои нигоҳ доштани мӯҳраҳои шоҳмот, дастаи шамшер, теғ.

**ҚОИМА** *а.* قائمه 1. *ниг.* **қоим** 1; **коғазҳои қоимаи роиҷа** пулҳои коғазии боқурби дар муомила буда; **нархи қоима** қимати устувор. 2. дастаи шамшер. 3. сутун, поя; чароғпоя. 4. пойгаҳи тахти хоб.

**ҚОИММАҚОМ** *а.* قائم‌مقام ҷонишин, ноиб; ҷойгири касе ё чизе.

**ҚОИФ** *а.*قائف қиёфашинос, он ки монандии қиёфаи фарзандро ба падар муқаррар кунад.

**ҚОҚ** *т.* قاق 1. хушк, хушкшуда: **гӯшти қоқ, нони қоқ, чӯби қоқ; қоқ кардан** хушк кардан,

хушконидан. 2. лоғар, хароб, камгӯшт; қоқина: **дасту пои дарозу қоқ, одами қоқ; қоқ шудан** а) хушк шудан, хушкидан; б) лоғару хароб шудан. 3. *лаҳҷ.* зардолуи хушконидашуда, ғӯлунг; **дашти қоқ** саҳрои беобу алаф, биёбон; **замини қоқ** замини сахт; замини бефаршу кӯрпача; **сурфаи қоқ** дастархони бехӯрду хӯрок, суфраи холӣ; **ҷӯи қоқ** ҷӯи беоб; **бо як омочи қоқ** танҳо бо як омоч; **бо як сари қоқ** танҳо; бекасу кӯй ва бечизу чора; **кисаи** *касе* **қоқ будан** кисаи касе холӣ будан; пул надоштан; **ҳалқи** *касе* **қоқ шудан** аз ташнагӣ, асабоният ё ҳаяҷон гулӯи касе хушк шудан.

**ҚОҚБАДАН** قاقبدن лоғар, хароб; камгӯшт: **марди навчаи қоқбадан**.

**ҚОҚИНА** قاقينه лоғар, хароб; камгӯшт, газгӯшт: **зани қоқинаи гандумгун, ҷавони қоқинаи миёнақад**; **рӯи қоқина** рӯи камгӯшт.

**ҚОҚИНААНДОМ** قاقينه‌اندام лоғарандом, қоқбадан.

**ҚОҚИНАРӮ(Й)** قاقينه‌رو//قاقينه‌روى он ки чеҳрааш лоғари камгӯшт аст.

**ҚОҚӢ** قاقى 1. хушкӣ, хушкшудагӣ (*мас.*, *нон*). 2. лоғарӣ, харобӣ, камгӯштӣ.

**ҚОҚМА** *т.* قاقمه гилеми тунуки абрешимини бепат; **чакмани қоқма** чакмани мардона аз намади тунук.

**ҚОҚТӢ** *т.* قاقتى :**ҳалвои қоқтӣ** як навъ ҳалвост, ки аз орди бирёну қиёми ширини тут мепухтанд.

**ҚОҚУ** قاقو *бот.* гиёҳи худрӯи зардгул, ки байни мардум ҳамчун гиёҳи ғизоӣ ва доруӣ машҳур аст.

**ҚОҚУМ** *а.* قاقم *зоол.* ҳайвони майдаест монанд ба санҷоб, ки пӯсти сафеди қиматбаҳо дорад ва аз он пӯстин медӯзанд.

**ҚОҚШУДА** قاقشده *сифати феълии замони гузашта* аз **қоқ шудан**; хушкшуда; ниҳоят хушк.

**ҚОЛ** *а.* قال *гуфт.* гуфтор, гап; **қилу қол** *ниг.* **қил**; **қолу мақол** гуфтугӯ, гапи бисёр; ҳаёҳу.

**ҚОЛАБ** *а.* قالب 1. тан, пайкар, колбад; **қолаб тиҳӣ кардан** мурдан, ҷон додан. 2. *ниг.* **қолиб**.

**ҚОЛАБТИҲӢ** قالب‌تهى дарунхолӣ, миёнковок.

**ҚОЛИБ** قالب 1. *ниг.* **қолаб**; **қолаби беҷон** тани берӯҳ, ҷисми беҷон. 2. андозаи ягон чиз; бӯтаи оҳангарӣ; ҷӯбе, ки ба шакли пой тарошида, пойафзолро дар он мекашанд ва медӯзанд; олат ва абзоре барои шакл додан ба мавод: **қолиби кафш** ё **мӯза, қолиби рехтагарӣ, қолиби хишт, қолиб гирифтан, қолиб задан, қолиб тарошидан, аз қолиб баромадан, ба қолиб рехтан**. 3. нақши барканда ё барҷастаи ягон чиз дар рӯи тахта, филиз *ва г.,* ки онро ранг карда, бо чизи дигар пахш мекунанд, то нақш ба чизи дигар гузарад: **қолиби читгарӣ** коғаз ё филизе, ки дар он нақше, ҳарфе ё рақаме бурида шудааст (*барои наққошӣ ё рассомӣ*); коғази нақшапартоӣ. 4. *маҷ.* шакл, намуд: **қолиби назм, қолиби наср; ба қолиби** *чизе* **даровардан** ба шакли чизе даровардан, шакли чизеро додан; ◊ **хишт аз қолиб бархест** вақти иҷрои коре гузашт, фурсат аз даст рафт, кор аз кор гузашт.

**ҚОЛИБАК** قالبک 1. *шакли тасғири* **қолиб**; қолиби хурд. 2. қолибе, ки читгарҳо аз рӯи он ба матоъ нақш мепартоянд.

**ҚОЛИБГАР** قالب‌گر 1. он ки қолиб омода месозад, қолибсоз. 2. нусхабардор (*дар читгарӣ*).

**ҚОЛИБГАРӢ** قالب‌گرى *ниг.* **қолибсозӣ**.

**ҚОЛИБГИР** قالب‌گير он ки қолиби чизеро тайёр мекунад; он ки дар рехтагарӣ қолиби чизҳои сохта шуданиро аз реги сиёҳ дуруст мекунад.

**ҚОЛИБГИРӢ** قالب‌گيرى *исми феълӣ аз* **қолиб гирифтан**; андоза ва шакли ҷисмеро бо қолибе маълум кардан; қолибгирии дандони маснуӣ, кафш, кулоҳ *ва г.*

**ҚОЛИБДОР** قالبدار хиштзан, хиштмол, хиштзани сари қабрҳои хиштӣ.

**ҚОЛИБЗАДА** قالبزده *сифати феълии замони гузашта аз* **қолиб задан**; ба қолиб даровარда, дар қолиб гузошта: **пойафзори қолибзада**.

**ҚОЛИБЗАНӢ** قالبزنى 1. *исми амал аз* **қолиб задан**; ба қолиб даровардани чизе. 2. аз рӯи нусха нақш задан (*дар читгарӣ*).

**ҚОЛИБӢ** قالبى 1. аз рӯи қолиби муайян сохташуда. 2. *маҷ.* забонзада, чизе, ки аслият

надорад, ғайриаслӣ: **ибораҳои қолибӣ, таъбирҳои қолибӣ**.

**ҚОЛИБКАШӢ** قالب‌کشی *исми амал аз* **қолиб кашидан**; кашидани нақшу шакли ашё барои рехтани он; андоза ва шакли ҷисмеро бо қолибе муайян кардан.

**ҚОЛИБМИСТАР** قالب‌مسطر *нав.* хаткаш барои кашидани шаклҳои гуногуни ҳандасӣ, лекало.

**ҚОЛИБОФ** قالی‌باف *ниг.* **қолинбоф.**

**ҚОЛИБОФӢ** قالی‌بافی *ниг.* **қолинбофӣ**.

**ҚОЛИБРЕЗ** قالب‌ریز он ки филизи гудохтаро ба қолибҳо рехта, чизе тайёр мекунад.

**ҚОЛИБРЕЗӢ** قالب‌ریزی 1. *исми амал аз* **қолиб рехтан**; кору амали қолибрез. 2. коргоҳе, ки барои ба қолибҳо рехта, сохтани чизҳо махсус гардонида шудааст: **коргоҳи қолибрезӣ**.

**ҚОЛИБСОЗ** قالب‌ساز он ки барои сохтани ашёи гуногун қолиб (шакл) тайёр мекунад.

**ҚОЛИБСОЗӢ** قالب‌سازی 1. *исми амал аз* **қолиб сохтан**; кору касби қолибсоз. 2. коргоҳе, ки барои тайёр кардани қолибҳо махсус гардонида шудааст.

**ҚОЛИН** *т.* قالین гилеми пашмини патдор: **қолин бофтан**, **қолин густурдан**, **қолин паҳн кардан, қолин фарш кардан**: *ба тариқи истиора:* **қолини барф**, **қолини гулҳо**, **қолини нарми сабзаи навраста**, **аз сабза қолин бофтан**.

**ҚОЛИНБОФ** قالین‌باف бофандаи қолин, гилембоф.

**ҚОЛИНБОФӢ** قالین‌بافی 1. *исми амал аз* **қолин бофтан**; кору касби бофандаи қолин. 2. ҷой ва дастгоҳе, ки дар он қолин мебофанд: **комбинати қолинбофӣ**.

**ҚОЛИНПӮШ** قالین‌پوش 1. маконе, ки қолин густурда шудааст. 2. *маҷ.* ҷое, ки бо гулу гиёҳу сабза ороста аст.

**ҚОЛИНФАРШ** قالین‌فرش маконе, ки фаршаш бо гилему қолин ороста шудааст.

**ҚОЛИНФУРӮШ** قالین‌فروش он ки қолин ва гилем мефурӯшад.

**ҚОЛИНФУРӮШӢ** قالین‌فروشی 1. *исми амал аз* **қолиб фурӯхтан**; шуғли тиҷорати қолин, савдои гилем. 2. макони фурӯши қолинҳо: **дӯкони қолинфурӯшӣ**.

**ҚОЛИНЧА** قالینچه қолини хурд.

**ҚОЛИЧА** قالیچه *ниг.* **қолинча**.

**ҚОЛӢ** قالی *ниг.* **қолин**.

**ҚОЛУҚИЛ** قال‌وقیل *ниг.* **қилуқол**.

**ҚОЛУМАҚОЛ** قال‌ومقال *ниг.* **қилуқол**.

**ҚОМ** I *м.* قام *варз.* дар бозии шоҳмот вазъиятест, ки яке аз ҳарифон ба ҷое гашт карда наметавонад, то шоҳ бехатар бошад, пат.

**ҚОМ** II *а.* قام *кит.* соҳир, ҷодугар, фолбин, фолгир.

**ҚОМАТ** *а.* قامت 1. қад, боло; қаду баст, андом. 2. *кит.* андоза, дараҷа, сатҳ, миқдор; **қомати мавзун, қомати хамгашта, қаду қомат, қаду қомати расо; қомат афрохтан // қомат бардоштан** а) қад боло кардан; баланд шудан; б) *кинояаз* сохта шудан, бино ёфтан; **қомат кашидан** *ниг.* **қад кашидан; қоматро рост гирифтан** қадро рост кардан, рост шудан; **қомат рост кардан** *ниг.* **қад рост кардан**; **қомат бастан, қомат задан** *ниг.* **қомат кардан; қомат бастан** такбир гуфтан; ◊ **қомат (ат) занад** *гуфт.* дар мавриди мафтун шудан ба қаду басти зебои касе мегӯянд.

**ҚОМАТБАЛАНД** قامت‌بلند он ки қадаш дароз аст, қадбаланд, қаддароз, дарозқад, навча.

**ҚОМАТБОЛО** قامت‌بالا *ниг.* **қадбаланд**.

**ҚОМАТРАСО** قامت‌رسا қадбаланд; хушқаду қомат.

**ҚОМАТПАСТ** قامت‌پست *ниг.* **қадпаст**.

**ҚОМАТХАМ** قامت‌خم *ниг.* **қоматхамида**.

**ҚОМАТХАМИДА** قامت‌خمیده он ки қоматаш хам гаштааст, он ки қомати дуто дорад.

**ҚОМУС** *а.* قاموس 1. *кит.* чуқуртарин ҷои укёнус. 2. китоби луғат (*бештар луғатҳои арабӣ*), фарҳанг; луғати донишнома, доиратулмаориф, донишнома.

**ҚОМУСНИГОР** قاموس‌نگار мураттиби қомус (*луғати донишномаӣ*), қомуснавис.

**ҚОМУСНИГОРӢ** قاموس‌نگاری таҳия ва тартиби

қомус, қомуснависӣ.

**ҚОНЕЪ** *а.* قانع он ки аз вазъияти худ розӣ аст; он ки чизеро басанда мешуморад; қаноатманд, ризоманд, розӣ, хурсанд; **марди қонеъ** марди қаноатпеша (қаноаткор); **қонеъ кардан** розӣ кардан (*касеро ба чизе*); **қонеъ кунонидан // қонеъ гардон(и)дан** *тарзи бавоситаи* **қонеъ кардан;** розӣ кунонидан; чизеро кофӣ шуморидан; **қонеъ шудан** розӣ шудан ба баҳраи худ, басанда ва кофӣ шуморидан (*чизеро*), қаноат ҳосил кардан ба чизе (*мас., ба ҷавобе*); **талаби** *касеро* **қонеъ кардан** бо иҷро кардани талабу хоҳиши касе ӯро розӣ сохтан.

**ҚОНЕЪГАРДОНӢ** قانع‌گردانی *исми амал аз* **қонеъ гардонидан**; иҷро кардани талаби касе.

**ҚОНЕЪКУНАНДА** قانع‌کننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **қонеъ кардан**; касе ё чизе, ки талаботро ҷавобгӯй мебошад.

**ҚОНЕЪШАВӢ** قانع‌شوی *сифати феълии замони ҳозира аз* **қонеъ шудан**; чизеро басанда ва кофӣ шуморидан.

**ҚОНУН** I *ю.* قانون *муарраби калимаи юнонии* kanon. 1. низом, тартиб; қоида, дастур. 2. *ҳуқ.* қарори расмии мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ, ки ба тартиби муқаррарнамудаи конститутсия қабул шудааст: **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф**...; **қонуни асосӣ** конститутсия, сарқонун; **аз рӯи қонун** дар асоси қонун, мувофиқи қонун; **қонун баровардан** қабул ва интишор кардани қонун (*аз тарафи мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ*). 3. *нав.* робита ва вобастагии мутақобили ҳодисаҳои воқеияти объективӣ; қонуният: **қонуни табиат, қонуни инкишофи ҷамъият, қонуни ҷозибаи умумиҷаҳонӣ**.

**ҚОНУН** II *ю.* قانون (*муарраби* **конун**) сози қадимии тории шабеҳи чанг, ки бо мизроб навохта мешавад.

**ҚОНУНАН** قانوناً аз рӯи қонун, мувофиқи қонуну қоида.

**ҚОНУНАСОС** قانون‌اساس ба қонун асосёфта, дар асоси қонун бунёдгардида.

**ҚОНУНБАРОР** قانون‌برار *ниг.* **қонунгузор**.

**ҚОНУНБАРОРӢ** قانون‌براری *ниг.* **қонунгузорӣ**.

**ҚОНУНГУЗОР** قانون‌گذار он ки қонунро вазъ ва муқаррар мекунад.

**ҚОНУНГУЗОРӢ** قانون‌گذاری 1. фаъолияти мақомоти салоҳиятдори давлат оид ба баровардани қонун; вазъ ва муқаррар кардани қонун. 2. маҷмӯи қонунҳои муқарраршуда дар мамлакате: **қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**.

**ҚОНУНДОН** قانون‌دان *ниг.* **қонуншинос**.

**ҚОНУНДОНӢ** قانون‌دانی воқиф ва огоҳ будан аз қонун, донистани қонун ва аз рӯи он амал кардан.

**ҚОНУНИЯТ** *а.* قانونیت 1. мутобиқат бо қонун, вобастагӣ бо қонунҳои объективӣ: **қонунияти таърихӣ**. 2. бо қонунҳо таъмин карда шудани ҳаёт ва фаъолияти ҷамъиятӣ.

**ҚОНУНӢ** I قانونی 1. *мансуб ба* **қонун**. 2. он чи мувофиқи қонун карда мешавад; **ҳуқуқи қонунӣ** ҳуқуқи дар қонун муқарраргардида ва нишондодашуда; **ҳуҷҷати қонунӣ** санади аз рӯи қонун тартибёфта; ҳуҷҷати расмӣ; **қонунӣ кардан** ба расмият даровардан.

**ҚОНУННАВОЗ** قانون‌نواز *кит.* навозандаи қонун, *ниг.* **қонун** II.

**ҚОНУННОМА** قانون‌نامه дастурамал, низомнома.

**ҚОНУНПАРАСТӢ** قانون‌پرستی ба меъёрҳои қонунӣ риоя кардан.

**ҚОНУНШИКАНӢ** قانون‌شکنی *исми амал аз* **қонун шикастан**; амали хилофи қонун.

**ҚОНУНШИНОС** قانون‌شناس ҳуқуқшинос, қонундон; шахсе, ки аз қонун воқиф ва огоҳ аст.

**ҚОНУНШИНОСӢ** قانون‌شناسی донистан ва риоя кардани қонун; воқиф ва огоҳ будан аз қонун

**ҚОПЧА** قاپچه *лаҳҷ.* халта, линча.

**ҚОР** I *ю.* قار қир, мум, зафт, ки бар киштӣ *ва г.* мемолиданд.

**ҚОР** II قار 1. сиёҳ. 2. сиёҳиранг, мураккаб.

**ҚОР** III *т.* قار 1. барф. 2. *маҷ.* бисёр сафед.

**ҚОР(Р)А** *а.* قاره *ҷугр.* қитъа, қитъае аз шаш қитъаи ҷаҳон; хушкӣ, континент, бар(р).

**ҚОР(Р)АВӢ** قاروی *мансуб ба* **қор(р)а**; хушк (*дар бораи иқлим*).

**ҚОРИАЗЁД** قاری‌ازیاد *гуфт.* азёд кардан бе дарки маъни, аз бар кардани тӯтивор; **қориазёд кардан** ба маъниву мазмун сарфаҳм норафта аз ёд кардан.

**ҚОРӢ** قاری 1. *кит.* мутолиакунанда, хонанда (-и китоб). 2. он ки Қуръонро аз ёд карда, дар маросимҳо қуръонхонӣ мекунад; ҳофизи Қуръон. 3. унвони эҳтиромӣ дар муроҷиат ба нобиноҳо; **қории ҷамоа** *кҳн.* сардори синф дар мадрасаҳо, ки назди як мударрис дарс мехонанд.

**ҚОРИГӢ** I قاریگی 1. касб ва кори қорӣ. 2. қориёна, ба тарзи хос ба қориён; **қоригии ҷамоа** *ниг.* **қорӣ (-и ҷамоа)**.

**ҚОРИХОНА** قاری‌خانه *д.* мактабе, ки дар он хонандагон Қуръонро аз аввал то охир ёд карда, унвони қорӣ – ҳофизи қуръонро мегирифтанд.

**ҚОРУН** I قارون номи як давлатманди пешин, ки дар хасисӣ шӯҳрат дошт ва аз рӯи ин амалаш замин ӯро бо тамоми ганҷаш фурӯ бурд.

**ҚОРУН** II *а.* قارون *биол.* гиёҳест хушбӯй, ки дар табобат истифода баранд, фариз.

**ҚОРУРА** *а.* قاروره 1. зарфи шишагӣ, securely ованд. 2. шишаи хурди махсус, ки беморон пешобро дар он гирифта, барои таҷзия ба назди табиб ё пизишк мебаранд; ◊ **қоруpa бар санг задан** нохуш кардани айш.

**ҚОРУРАДОН** قاروره‌دان *кит.* қорурашинос, табиб, пизишк.

**ҚОРУРӢ** قاروری *мансуб ба* **қорура**; шишагар, шишафурӯш.

**ҚОРЧ** قارچ *лаҳҷ.* занбӯруғ, саморуғ.

**ҚОС** *а.* قاص қиссагӯ, достонсаро; воиз.

**ҚОСИБ** *а.* قاصب 1. найнавоз; нойзан. 2. пӯсткананда, бурандаи гӯшту рӯда.

**ҚОСИД** *а.* قاصد 1. *кит.* қасдкунанда; он ки қасди ҷони касе кунад. 2. касе, ки мактуб ё хабареро аз касе ба ҷое мебарад, номабар, номарасон; пайғомбар, пайк, чопар, муждарасон: **қосиди бахт, қосиди зафар, қосиди фасли баҳор, қосиди муҳаббат; қосиди баён** расонандаи сухани касе ба касе, ифшогари каломи шахсе; **қосиди дипломатӣ** *с.* мансабдоре, ки вазифаи ӯ иборат аз бурда расонидани почтаи дипломатӣ мебошад.

**ҚОСИДӢ** قاصدی шуғл ва амали қосиду номарасон.

**ҚОСИМ** I *а.* قاسم *кит.* 1. тақсимкунанда, қисматкунанда, бахшкунанда. 2. яке аз номҳои Худо.

**ҚОСИМ** II *а.* قاسم *кит.* дарҳамшикананда.

**ҚОСИР** *а.* قاصر *кит.* 1. кӯтоҳ, норасо. 2. нотавон, оҷиз.

**ҚОСИТ** *а.* قاسط *кит.* *ҷобир*, ситамгор, бедодгар, золим.

**ҚОТ** *т.* قات *ниг.* **қарақот**.

**ҚОТЕЪ** *а.* قاطع қатъкунанда, буранда, бурро; **бурҳони қотеъ** далели қатъӣ.

**ҚОТИЛ** *а.* قاتل 1. он ки мавҷуди зиндаеро мекушад, кушанда, қатлкунанда. 2. марговар, мӯҳлик: **заҳри қотил**.

**ҚОТИЛӢ** قاتلی амали қотил, қотил будан: одамкушӣ, ҳалокгарӣ.

**ҚОТУРМА** *т.* قاترمه *гуфт.* ноне, ки аз хамири норасида дар деги тафсон мепазанд.

**ҚОТИР I** *а.* قاتر *кит.* он ки нафақаро ба аҳли аёл танг гирад, хасис, мумсик.

**ҚОТИР** II *а.* قاطر *кит.* қатра-қатрачаканда (*мас., шираи дарахт*).

**ҚОТИР** III *а.* قاطر *кит., зоол.* хачир, астар.

**ҚОФ** I *а.* قاف *номи ҳарфи 24-уми алифбои арабиасоси тоҷикӣ аст, ки дар алифбои кириллиасос муодили Қ ва дар ҳисоби абҷад ба адади 100 баробар мебошад*; **лофу қоф** *киноя аз* худситоию дурӯғгӯӣ; лофу газоф.

**ҚОФ** II *а.* قاف 1. кӯҳи асотирӣ, ки ба қавле панҷсад фарсанг баландӣ дораду қисми зиёди он дар миёни об ҷойгир аст, нурҳои саҳарии офтоб дар он сабз ва инъикосашон кабуд метобад, дар баъзе маъхазҳо чун кӯҳи бузурге тасвир гардидааст, ки гирди дунёро печонидааст. 2. номи сураи панҷоҳумини Қуръон, ки дар Макка нозил гаштаву 45 оят дорад, номи дигари ин сура “Босиқот” аст ба

маънии “нахлҳои баланд”; ◊ **қоф то қоф** сар то сари дунё, тамоми ҷаҳон.

**ҚОФИЛА** *а.* قافله гурӯҳи одамон, ки пиёда ё савора якҷоя сафар мекунанд; корвон.

**ҚОФИЛАСОЛОР** قافله‌سالار сардори қофила, корвонсолор.

**ҚОФИЯ** *а.* قافیه 1. *кит.* азпайраванда, пасоянда. 2. *адш.* якчанд ҳарф ё ҳиҷоҳои шабеҳ ва ҳамоҳанг, ки дар охири мисраъҳо пеш аз радиф такрор шуда омада, вазну оҳанги шеърро таъмин мекунанд; **қофияи танг** қофияи камёб; **қофия танг будан** оҷиз шудан дар гуфтор ва кирдор, мушкилӣ пеш омадан; **қофия гуфтан** ба ҳамсӯҳбати худ зуд ва бо каломи қофиядор ҷавоб гуфтан; суханбозӣ кардан; **қофия танг омадан** дар муқобили эрод ё эътирозе ҷавоб ёфта натавониста оҷиз шудан; дар вазъияти тангу душвор мондан.

**ҚОФИЯАНДЕШ** قافیه‌اندیش он ки қофия месозад, он ки қофия эҷод мекунад.

**ҚОФИЯБАНД** قافیه‌بند шоире, ки бештар ба вазну қофияи шеър аҳамият медиҳад ва ба маъно ва ҷавҳари шеър он қадар аҳамият намедиҳад.

**ҚОФИЯБАНДӢ** قافیه‌بندی 1. ба қофия даровардан. 2. тартиби қофияҳо дар шеър.

**ҚОФИЯБОЗ** قافیه‌باز қофиягӯй; базлагӯй, ширинсухан, ҳозирҷавоб.

**ҚОФИЯБОЗӢ** قافیه‌بازی ҳозирҷавобӣ, аскиягӯӣ; бо каломи мавзуну муқаффо фавран ҷавоб додан ба сухани дигарон.

**ҚОФИЯБОФ** قافیه‌باف он ки қофия месозад; он ки на бадоҳатан, балки ба тариқи сунъӣ қофия мегузорад.

**ҚОФИЯГӮ(Й)** قافیه‌گو(ی) 1. шоир, қофияпардоз, он ки дар ҷавоб бо қофия сухан эҷод мекунад. 2. ҳозирҷавоб, суханбоз, он ки суханро қофиядор мегӯяд.

**ҚОФИЯГӮӢ** قافیه‌گوئی *исми амал аз* **қофия гуфтан**; ҳозирҷавобӣ; суханбозӣ.

**ҚОФИЯДОР** قافیه‌دار сухани мавзун; **калимаҳои қофиядор** калимаҳои аз ҷиҳати оҳангу талаффуз ба ҳам шабеҳу баробар, вожаҳои ҳамқофия.

**ҚОФИЯПАРДОЗ** قافیه‌پرداز 1. шоир, шеърхон, қофиябанд. 2. рамзгӯ, суханбоз.

**ҚОФИЯПАРДОЗӢ** قافیه‌پردازی 1. шеъргӯӣ; шоирӣ. 2. рамзгӯӣ, суханбозӣ.

**ҚОФИЯСАНҶ** قافیه‌سنج 1. шоир, нозим. 2. мавзунтабъ; мунаққиди шеър.

**ҚОФИЯСАНҶӢ** قافیه‌سنجی 1. қофияшиносӣ; шоирӣ. 2. илми шеър, нақди шеър.

**ҚОФИЯХОН** قافیه‌خوان он ки шеър мехонад, шеърхон.

**ҚОҲИР** *а.* قاهر 1. *кит.* қаҳркунанда, хашмгин; бераҳм. 2. *маҷ.* ғолиб, болодаст.

**ҚОҲИРА** *а.* قاهره *кит.* 1. *муаннаси* қоҳир; **қувваи қоҳира** *киноя аз* қуввай тавоно, нерӯи қавӣ. 2. номи пойтахти Ҷумҳурии Мисри Араб.

**ҚОҲ-ҚОҲ** قاه‌قاه *калимаи тақлиди овози* хандаи баланд, қаҳ-қаҳ; **қоҳ-қоҳ хандидан // қоҳ-қоҳ зада хандидан** ба овози баланд хандидан.

**ҚОЧОҚ** *т.* قاچاق 1. ғайриқонунӣ (*махфиёна ва бе супоридани боҷ*) аз сарҳади давлатӣ гузаронидани мол ва дигар чизҳои қиматнок. 2. молҳо ва дигар чизҳои қиматнок, ки ба тариқи махфӣ аз сарҳад гузаронида шудаанд. 3. чизе, ки вуруди он ба кишвар ва ё муомилаи он аз тарафи давлат манъ гардидааст.

**ҚОЧОҚБАР** قاچاقبر *ниг.* **қочоқӣ**.

**ҚОЧОҚӢ** قاچاقی 1. *мансуб ба* **қочоқ**; ба таври қочоқ; **молҳои қочоқӣ** молҳои ба таври қочоқ воридгардида. 2. *ниг.* **қочоқчӣ**.

**ҚОЧОҚЧИГӢ** قاچاقچیگی 1. молу маводи тиҷоратро ниҳонӣ, бидуни пардохти боҷу андоз аз гумрук гузаронидан. 2. ворид кардани молу маводе, ки вуруди он ба кишвар ва ё муомилаи он аз тарафи давлат манъ гардидааст.

**ҚОЧОҚЧӢ** قاچاقچی 1. он ки молеро ба таври қочоқ (*бе додани боҷ, махфиёна*) ба мамлакате меоварад. 2. он ки молу маводеро аз роҳи ғайр ба кишвар ворид месозад.

**ҚОШ** *т.* قاش 1. абрӯ. 2. асбоби зинати занон, ки ба пешонӣ мебанданд. 3. қисми пеши қуббашакли зини асп: **қоши зин**. 4. бурише аз

харбуза, пора, қитъа; *ниг.* **карч**; **қош паронлан** бо ҷунбонидани абрӯвон ишва кардан; бо ҳаракат додани абрӯвон ишоратҳо кардан; ◊ **қошу қавоқ кардан** абрӯро чин карда, норозигӣ ва кароҳати худро аз чизе изҳор кардан; **қошу қавоқи худро овезон кардан** *ниг.* **қошу қавоқ кардан; аз қошу қавоқи** *касе* **барфу борон боридан** ниҳоят туршрӯю хашмгин будан.

**ҚОШСИЁҲ** قاش‌سیاه он ки абрӯи сиёҳранг дорад, абрӯсиёҳ.

**ҚОШТИЛЛО** قاش‌طلا асбоби зинати занона аз тилло ва нукра, ки ба пешонӣ мебанданд.

**ҚОШУҚ** *т.* قاشق олати чӯбӣ ё филизии дастадор барои хӯрдани таом, чумча, кафча.

**ҚОШУҚТАРОШ** قاشق‌تراش устое, ки аз чӯб қошуқ месозад.

**ҚОШУҚТАРОШӢ** قاشق‌تراشی *исми амал аз* **қошуқ тарошидан**; касбу кори қошуқтарош.

**ҚОШУҚЧА** قاشقچه қошуқи хурд барои хӯрдани чой, мураббо *ва г.*.

**ҚОШЧИНАК** قاش‌چینک абрӯчинак, асбоби пероиши занон.

**ҚУ** قو *зоол.* як навъи парандаи калонҷуссаи гардандароз, ки дар зебоӣ машҳур аст, дар ҳаво хуб парвоз ва дар об нағз шино мекунад ва табиату пари сабуки нарм дорад: **пари қу, болишти пари қу, қӯли қувон**.

**ҚУББА** *а.* قبه 1. сақфи барҷастаи мудаввар (*аз беруни бино*); гунбаз. 2. ҳар чизи гирдаи сарборик ё нимкурашакли аз филизҳо рехташуда ё аз чӯб харротишуда, ки калонтарашро дар сари гунбазу хайма мегузоранд ва хурдтарашро барои зинат ба дарвозаҳои калон мезананд; **қуббаи асо** дастаи саркулӯлаи асо; **қуббаи чароғи рӯимизӣ** сарпӯши қуббашакли чароғи рӯимизӣ; **қуббаи дуд** дуди ба ҳаво ҳалқавор печида; **қуббаи об** *киноя аз* ҳубоб; **қуббаи фалак** *киноя аз* осмон, арш; **қубба-қубба** а) ончи ки қуббаи бисёр дорад; б) маҷмӯи қуббаҳо, чизе, ки қисмҳои қуббамонанди бисёр дорад.

**ҚУББАДОР** قبّه‌دار дорои қубба 2, қуббадошта; **гулмехи қуббадор** мехи калоне, ки сараш қуббашакл аст; **кати қуббадор** кате, ки сари пояҳои онро қуббашакл сохтаанд ё бар болои сари пояҳои он қубба гузоштаанд; **сӯзани қуббадор** сӯзани калони сараш гирд, ки духтарон барои ороиши мӯи сар истифода мебаранд.

**ҚУББАМОНАНД** قبه‌مانند он чи ки ба қубба шабоҳат дорад.

**ҚУББАРА** *а.* قبّره *зоол.* парандаи тоҷбасари сиёҳу сафед, ҳудҳуд, шонасарак, сӯфитурғай, чаковак.

**ҚУББАСӮЗАН** قبه‌سوزن *ниг.* **қуббадор (сӯзани қуббадор)**.

**ҚУББАЧА** قبّچه қуббаи хурд (*ниг.* **қубба** 2); тугмачаи болои дар, ки бо зер кардани он занги барқӣ садо медиҳад.

**ҚУББАШАКЛ** قبه‌شکل ҳар чизи шабеҳи қубба 1, монанди гунбаз.

**ҚУБЛА** I *а.* قبله баромадагии ҳубобмонанд, ки дар натиҷаи сӯхтан ё соида шудан дар пӯсти бадан, хусусан дасту по, пайдо мегардад, обила; **қубла задан** (кардан) соида шуда обила пайдо кардани дасту по; *муқ.* **пина**.

**ҚУБЛА** II *а.* قبله бӯса.

**ҚУБЛАЗАДА** قبله‌زده *сифати феълии замони гузашта аз* **қубла задан**; обиладор, обилакарда.

**ҚУБУЛ** *а.* قبل *кит.* тарафи пеши ҳар чиз, пеш.

**ҚУБУР** I *а.* قبور *ҷ.* **қабр; зиёрати аҳли қубур** зиёрати қабристон.

**ҚУБУР** II قبور лӯлаи сафолӣ, оҳанӣ ё сементӣ барои гузаронидани об, газ *ва г;* обрави зеризаминӣ, ки аз хишт сохта шудааст: **қубури газ**, **қубури об**, **қубури оҳанӣ**, **қубур гузаронидан**, **қубур хобон(и)дан**.

**ҚУБУРГУЗОР** قبورگذار коргари сохтмон, ки шуғли ӯ гузаронидани қубурҳои об, газ *ва г.* аст.

**ҚУБУРГУЗОРӢ** قبورگذاری хобонидани қубурҳо дар кандаҳои хати об, газ, партов *ва г.*

**ҚУБУРСОЗӢ** قبورسازی истеҳсоли қубур, лӯласозӣ; **корхонаи қубурсозӣ** корхонаи истеҳсоли қубурҳо.

**ҚУБУРХОБОНӢ** قبورخوابانی кашидани хати

қубурҳои обу газ *ва г.,* хобондани қубурҳо, лӯлакашӣ.

**ҚУБҲ** *а.* قبح зиштӣ, бадӣ қабоҳат; *муқоб.* **ҳусн**.

**ҚУВВА(Т)** *а.* قوّه//قوّت 1. зӯр, кудрат, нерӯ: **қувваи ҷисмонӣ, қувваи бозу, қувваи даст, қувваи худро нишон додан, ба коре қувват расидан**. 2. тоб, тавон, тоқат, мадор, маҷол; **қувваи коре надоштан** маҷол надоштан барои иҷрои коре. 3. маншаи моддии воқеъ гардидани коре ё имкони ҳусули чизе; тавоноӣ, зӯрӣ, иқтидор: **қувваи табиат**. 4. бузургии ифодакунандаи таъсири механикии як ҷисм ба ҷисми дигар; инчунин дараҷаи шиддати он: **қувваи барқ, қувваи бод, қувваи заминҷунбӣ (зилзила), қувваи рӯшноӣ, қувваи таркиш, қувваи марказгурез, қувваи марказрав; қувваи асп** воҳиди дар механика маъруфи иқтидори мошин, муҳаррик *ва г.* 5. қобилияти ҳар як аз панҷ ҳисси инсон дар дарки олами беруна: **қувваи биноӣ (босира), қувваи чашоӣ (зоиқа), қувваи ломиса, қувваи шунавоӣ (сомеа), қувваи бӯёӣ (шомма);** қобилият, лаёқат; **қувваи мардигарӣ** қобилияти алоқаи ҷинсии мард, нерӯи шаҳвонии мард; **қуввати масткунанда** қобилияти мастиоварӣ, дараҷаи масткунӣ; **қувваи чашм** қобилияти биноии чашм; **қувваи ҳофиза** қобилияти дар ёд нигоҳ доштан. 6. *маҷ.* истеъдод, табъ (*хусусан дар суханварӣ*); **қувваи табъ** истеъдоднокӣ, истеъдод. 7. ҷамоат, табақаи ҷомеа, гурӯҳи одамон, ки дорои хислате ё мутааллиқ ба табақае ҳастанд: **қувваҳои демократӣ, қувваҳои инқилобӣ, қувваҳои сулҳхоҳ (сулҳпарвар, сулҳҷӯ)...; қувваи коргарӣ** қувваи қобили меҳнат; коргарон; **қувваи корӣ // қувваи меҳнатӣ** *ниг.* **қувваи қобили меҳнат; қувваҳои шӯришгар** ҷомеаи шӯришгар, шӯришчиён, исёнгарон; **қувваи қобили меҳнат** одамони барои кор кардан қобилиятдошта, мардуми қобили кор. 8. *маҷ.* сипоҳ, лашкар, қӯшун: **қувваи пешҷангӣ, қувваи эҳтиётӣ, таносуби қувваҳо; қувваи бегона** сипоҳи аҷнабӣ; аскарони душман; **қувваҳои мусаллаҳ** артиш, нерӯҳои мусаллаҳ; **қувваи ҷоннок** аскарон, сипоҳиён (*бе назардошти аслиҳа*); **қувваи ирода** устувории ирода, матонат; **қувваи кашиш** нерӯи ба худ кашанда, қувваи ҷозиба; **қувваи навозиш** таъсири навозиш, эътибори меҳрубонӣ; **қувваи ҷозиба** а) қувваи кашиш; б) *киноя аз* ҷаззобӣ, диққатҷалбкунандагӣ; **мувофиқи қувва** ба қадри тобу тавон, тибқи тавоноӣ; **ба қадри қувва** мувофиқи қудрату тавоноӣ, алоқадри ҳол; **бо қувваи...** бо истифода аз...; ба воситаи..., тавассути...: **бо қувваи ҳунарпешаҳо, бо қувваи силоҳ..., бо тамоми қувва** бо тамоми тавоноӣ, бо истифода аз ҳамаи қувват; **қувва гирифтан** а) зӯру тавоно гаштан; мустаҳкам шудан; б) **ба ҳол омадан** қувват пайдо кардан баъди сиҳатёбӣ аз беморӣ; в) шиддат ёфтан, авҷ гирифтан (*қувваи бод, гиря...*); г) афзудан, зиёд шудан, густариш ёфтан (*қувваи таассуби динӣ, таъсиру нуфузи касе...*); **қувва додан** а) нерӯ бахшидан; ба ҳол овардан; б) тақвият додан, пурзӯр кардан, қувватнок кардан; густариш додан; **қувват доштан** а) соҳиби нерӯ ва иқтидор будан; б) эътибор доштан, таъсир доштан; **қувват ёфтан** а) *ниг.* **қувват гирифтан;** б) тақвият ёфтан (*бо дастгирию ҷонибдорӣ*); **қувваи воҳима** тасаввур, тасаввурот; **қуввати дил** а) қавикунандаи дил; б) *маҷ.* мададгори маънавӣ; **қувваҳои сиёҳкор** нерӯҳои бадкирдор; гурӯҳҳои зишту табаҳкор; **қуввати дил шудан** боиси дилбардорӣ ва тасаллии хотир шудан; **дили** *касе* **қувват гирифтан** осуда шудан, тасаллӣ ёфтан; далер шудан; **оташи** *касеро* **қувват додан** хашму ғазаби касеро зиёд кардан; **сухан (ё фикр)-и** *касеро* **қувват додан** ба сухан (гап) ё фикри касе ҳамроҳ шуда, онро тасдиқ ва таъкид кардан, тақвият додан; **аз қувват афтидан (мондан, рафтан)** беҳолу бемадор гардидан; **аз қуввати** *касе* **истифода бурдан** аз кору меҳнати касе фоида бурдан; **ба қувват омадан** ба ҳол омадан, қувват гирифтан, қувват пайдо кардан; **ба дили** *касе* **қувват додан** эътимоду боварии касеро зиёд кардан (*барои иҷрои коре*); ҷуръатнок кардан; далер кардан; **қуввати коре набудан** маҷоли иҷрои коре надоштан.

**ҚУВВАЛ** *а.* قوّل *ҷ.* **қоил** II; гӯяндагон, сухангӯён.

**ҚУВВАОЗМОӢ** قوّه‌آزمائی 1. санҷиши зӯр ва қувва, зӯрозмоӣ: **қувваозмоӣ кардан**. 2. мусобиқа, сабқати варзишӣ.

**ҚУВВАСАНҶ** قوّه‌سنج абзор санҷиши қувваи

механикӣ ё озмудани зӯри дасту бозу *ва ғ.*

**ҚУВВАСАНҶӢ** قوّه‌سنجی озмудани зӯру бозу, санҷидани нерӯву қувват байни ду ва ё зиёда ашхос.

**ҚУВВАТ** قوّت *ниг.* **қувва**.

**ҚУВВАТБАХШ** قوّت‌بخش бахшандаи зӯру қувва; қавикунанда, тақвиятдиҳанда.

**ҚУВВАТДИҲАНДА** قوّت‌دهنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **қувват додан**; қувватбахш; қавикунанда, тақвиятдиҳанда; **трансформатори қувватдиҳанда** трансформатори табдили ҷараёни барқ ба шиддати баланд.

**ҚУВВАТДИҲӢ** قوّت‌دهی нерӯ додан, тавоноӣ бахшидан, тақвият додан.

**ҚУВВАТДОР** قوّت‌دار дорои нерӯ, соҳиби тавоноӣ ва қудрат, боқувват.

**ҚУВВАТНОК** قوّتناک зӯр, тавоно, боқувват; **қувватнок кардан** қувват афзудан, қавӣ гардонидан; **қувватнок шудан** қувват гирифтан, иқтидор пайдо кардан; зӯр шудан; шиддат ёфтан; **суоли (саволи) қувватнок** саволи душвор (сахт); **эҳтимоли қувватнок** эҳтимоли қавӣ.

**ҚУВВАТНОКӢ** قوّتناکی зӯрӣ, тавоноӣ, дараҷаи қувват; қувватнок будан.

**ҚУВО** *а.* قوا *ҷ.* **қувва**.

**ҚУВОРА//ҚАВОРА** *а.* قواره порчаи мудаввар буридашуда; порчаи гирде, ки вақти буридани ҷои гиребони курта мемонанд.

**ҚУДАМО** *а.* قدما *кит. ҷ.* **қадим**; пешгузаштагон; бузургони гузашта.

**ҚУДДУС** *а.* قدّوس *кит. д.* пок аз гуноҳон, бениҳоят пок (*сифат ва яке аз номҳои Худованд*).

**ҚУД-ҚУД** قد قد *калимаи тақлидӣ* овози мурғи хонагӣ, хусусан овози мокиён вақти тухм кардан.

**ҚУДО** *т.* قدا падару модари арӯсу домод (*זану шавҳар*) нисбат ба якдигар; **қудо шудан** духтар дода ё духтар гирифта хешу табор шудан бо ҳамдигар, нисбати хешу таборӣ ва ақрабоӣ пайдо кардан.

**ҚУДОӢ** قدائی робитаи хешутаборӣ бо оилаи дигар ба туфайли додан ё гирифтани духтар.

**ҚУДОШАВАНДА** قداشونده *сифати феълии замони ҳозира аз* **қудо шудан**; шахс(он)е, ки нияти қудо шудан дора(н)д.

**ҚУДРАТ** *а.* قدرت зӯр, нерӯ, иқтидор, қувва; зӯрӣ, тавоноӣ; **мувофиқи қудрат** мувофиқи қувват, ба қадри тобу тавон; **қудрати коре надоштан** қодир набудан ба коре; маҷоли коре надоштан; **қудрати худро нишон додан** ба чӣ қодир будани худро зоҳир кардан, зӯри худро намоиш додан; **қудрати** *касе* **расидан (ба коре)** зӯри касе расидан ба коре, қодир будан ба коре.

**ҚУДРАТБАХШ** قدرت‌بخش он ки ва он чи нерӯ ва тавоноӣ мебахшад, қувват ато мекунад.

**ҚУДРАТӢ** قدرتی *исми амал аз* **қудрат дорои** қудрат, қудратманд: **сохторҳои қудратӣ**.

**ҚУДРАТМАНД** قدرتمند тавоно, қодир, муқтадир, соҳибқудрат.

**ҚУДРАТМАНДӢ** قدرتمندی нерӯмандӣ, тавоноӣ, дорои иқтидор будан, соҳибқудрат будан.

**ҚУДРАТНОК** قدرتناک *ниг.* **қудратманд**.

**ҚУДРАТНОКӢ** قدرتناکی *ниг.* **қудратмандӣ**.

**ҚУДС** *а.* قدس *кит.* 1. *ниг.* **қудсият**. 2. пок, тоза.

**ҚУДСИЯТ** *а.* قدسیت *кит.* покӣ, покизагӣ, аз олоиш ва гуноҳ.

**ҚУДСӢ** قدسی *кит.* 1. *мансуб ба* **қудс**; покиза; солеҳ, некӯкор. 2. *ниг.* **қудсиён** фариштаҳо, малоика.

**ҚУДУҚ** *т.* قدوق *гуфт.* чоҳ; **оби қудуқ** оби чоҳ.

**ҚУДУМ** *а.* قدوم омадан, расидан аз ҷое, баргаштан (*аз сафар*); ташриф овардан.

**ҚУЗОТ** قضات *ҷ.* **қозӣ**.

**ҚУЛ** *т.* قل *гуфт. ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* ғулом, банда (*асосан дар таркиби номҳои мардона*) *меояд*: **Ҳамроқул, Ҳайдарқул**.

**ҚУЛАЙ** *т.* قلی муносиб, мувофиқ, соз, боб: **вақти қулай**, **лаҳзаи қулай**, **аз фурсати қулай истифода бурда**, **фурсати қулайро интизор будан**.

**ҚУЛАНҶ** *ю.* قولنج *ниг.* **қулинҷ**.

**ҚУЛБА** *а.* قلبه қисми чӯбини омоч; испор.

**ҚУЛЗУМ** *а.* قلزم *кит.* 1. номи қадимии баҳри Сурх. 2. баҳр.

**ҚУЛИНҶ** *а.* قولنج *тиб.* печиши рӯдаҳо, дарди хала.

**ҚУЛИНҶОН** *ҳ.* قلنجان *бот.* гиёҳи табобатиест аз оилаи занҷабилҳо, ки ватанаш Ҳиндустону Чин аст, *муарраби* **ховалинҷон**.

**ҚУЛ-ҚУЛ** قلقل *калимаи тақлиди овози* рехтани об аз шиша ва дигар зарфҳои даҳантанг: **қулқул кардан**.

**ҚУЛЛА** *а.* قلّه 1. нуқтаи баландтарини кӯҳ, теғаи кӯҳ. 2. *маҷ.* нуқтаи баланд ва олии чизе: **қуллаи дониш, қуллаи эҷодиёт, ба қуллаҳои баланди санъат устуворона қадам ниҳодан**.

**ҚУЛЛОБ** I *а.* قلاب чангаки моҳигирӣ, шаст, қалмоқ.

**ҚУЛЛОБ** II *а.* قلاب як нафас ба дарун кашидан (*мас., дуди тамокуро*); **қуллоб кашидан** як дам ба дарун гирифтани дуди тамоку.

**ҚУЛОН** *т.* قلان *зоол.* хари ёбоӣ, гӯрхар.

**ҚУЛОЧ** *т.* قلاچ фосилаи байни ду нӯги дастони ба ду тараф ёзондашуда, ки ченаки дарозӣ ҳам ҳисоб мешавад; **як қулоч** а) ба андозаи дастони ба ду тараф васеъ кушода; б) *киноя аз* чизи дарозу муфассал: **аз болои** *касе* **як қулоч шикоят навиштан; қулоч кардан** чизеро ба воситаи қулоч чен кардан (*мас., либосвориро*); **аспқулоч кашидан** қулочҳоро ба ду тараф ёзондан (*мас., ҳангоми варзиш*); **қулоч кашида** а) дастро то охир кушода; б) бо тамоми қувват (*чизеро ҳаво додан*); кашидаву кушода, сахт (задан); **қулоч кушодан** дастҳоро ба ду тараф ёзондан (*барои вохӯрдӣ ва г.*); **забони** *касе* **як қулоч будан** бочуръат будани касе дар гапзанӣ, забондароз будани касе.

**ҚУЛОЧКАШ** قلاچکش :**қулочкаш карда задан** кашидаву кушода задан, сахт задан.

**ҚУЛОЧКАШӢ** قلاچکشی дастонро ба ду тараф ёзондан (*дар вақти шиноварӣ*).

**ҚУЛТ** قلت миқдори об ё нӯшокии дигар, ки бо як дам нӯшида мешавад, ҷуръа; **як қулт** а) ҷуръа; б) *маҷ.* андаке аз май ва шароб; **қулт-қулт** а) ҷуръа-ҷуръа; б) қулт-қулт карда.

**ҚУЛУБ** *а.*قلوب *ҷ.* **қалб**; ◊ **касри қулуб** *кит.* дилшикастагӣ, маъюсӣ.

**ҚУЛУН** I *т.* قلون тойчаи нав таваллудшуда.

**ҚУЛУН** II *ю.* قولون *тиб.* қисмате аз рӯдаи фарох; (*муарраби калимаи юнонии кулу*н (colon) *аст*): **қулуни болорӯ, қулуни рост**.

**ҚУЛФ** قلف шакли гуфтугӯии қуфл.

**ҚУЛФИНАЙ** قلفنی тути заминӣ.

**ҚУЛФСОЗ** قلفساز *ниг.* **қуфлсоз**.

**ҚУМ** قم рег.

**ҚУМҒОН** *т.* قمغان зарфи асосан чӯянӣ, ки дар он об меҷӯшонанд, ҷойҷӯш.

**ҚУМЗОР** قمزار регзор.

**ҚУМҚУМА** قمقمه обдони сафарӣ, фляга.

**ҚУМОНДОН** *фр.* قماندان *гуфт.* командир, фармондеҳ; сардори дастаи низомӣ.

**ҚУМОШ** *а.* قماش матои латифу нозук, газвори абрешимӣ, шоҳӣ.

**ҚУМРӢ** *а.* قمری *зоол.* парандаи хушовози хурдтар аз кабӯтар, ки дар гардан тавқ дорад.

**ҚУМРОН** *т.* قمران сӯхтаи чун ангишти сиёҳу сахт мондаи ҳезум, осӯхта.

**ҚУНҒУЗ** قنغوز *зоол.* гамбуск, саргинғелонак.

**ҚУНҒУЗАК** قنغوزک *шакли тасгири* **қунғуз**; гамбусак.

**ҚУНҒУРОТ** قنغرات номи яке аз қабилаҳои туркнажод.

**ҚУНДИЗ** قندز *шакли тағйирёфта ва кӯтоҳшудаи* **қуҳандиз**.

**ҚУНДОҚ** *т.* قنداق *ҳ.* қисми чӯбини милтиқ, ки дар вақти тирандозӣ онро ба китф такя медиҳанд, пошнаи милтиқ: **қундоқи милтиқ**.

**ҚУНДУЗ** قندز 1. *зоол.* ҷонвари санҷобмонандест аз ҷинси хояндагон, ки пӯсти сиёҳи қиматбаҳо дорад, бедастар; **қундузи санҷобранг** *киноя аз* осмон, олам ва рӯзгор. 2. *маҷ.* шаб, сиёҳӣ, торикӣ.

**ҚУНДУЗӢ** قندزی *мансуб ба* **қундуз**; аз пӯсти қундуз (дӯхташуда).

**ҚУНУТ** I *а.* قنوت *кит.* 1. фармонбардорӣ. хоксорӣ. 2. хомӯш будан, сукут кардан, аз сухан бозмондан. 3. *д.* дуое, ки дар ракъати сеюми намози витри воҷиб баъд аз фотеҳа бо замми сураи дигар мехонанд.

**ҚУНУТ** II *а.* قنوط *кит.* ноумедӣ, маъюсӣ.

**ҚУНФУЗ** *а.* قنفذ *кит., зоол.* хорпушт(ак)и баҳрӣ.

**ҚУРБ** I *а.* قرب *кит.* 1. ҳамсоягӣ, ҳамҷаворӣ; наздикӣ, қаробат. 2. *д.* яке аз мафҳумҳои суфигарӣ, ки қаробат, наздикии бандаро ба Худои таоло тавассути мушоҳида ва мукошифа ифода мекунад; *муқоб.* **буъд**.

**ҚУРБ** II *а.* قرب арзиш, қадру қимат; мартаба, ҷоҳу мақом; **қурби пул, қурби пул паст будан** (*ё* **паст фуромадан), қурб (на)доштан; қурбу манзалат** а) қадру қимат, арзиш; б) қадру мартаба, дараҷаву мақом; **дар қурби**... дар назди...; **то қурби**... наздик ба..., қариб.

**ҚУРБАТ** *а.* قربت *кит.* наздикӣ, қаробат.

**ҚУРБО** قربا хешӣ, наздикӣ.

**ҚУРБОҚҚА** *т.* قرباقه *зоол.* ғук, вазағ; **қурбоққаи обӣ (баҳрӣ), қурбоққаи лалмӣ (хушкӣ, хокӣ)**.

**ҚУРБОН** I *а.* قربان 1. *д.* он чи ки дар роҳи Худо садақа мекунанд (*монанди гӯсфанд, гов, шутур*) ва бо он ба Худованд қаробат меҷӯянд. 2. қурбонишуда; талафёфта, талафшуда, ҳалокгардида. 3. *маҷ.* калимаи муроҷиати самимона; **қурбони**... фидои..., садқаи..., тасаддуқи...; **иди қурбон** иди динии мусулмонон, ки дар он чорвои фарбеҳ ва солим қурбонӣ карда мешавад (*муқ.* **иди азҳо**); **қурбон додан** фидо кардани касе дар роҳи расидан ба мақсаде, аз даст додан; талафот додан; **қурбон кардан** а) дар роҳи худо кушта, садақа кардани гӯсфанд, буз *ва г*; б) фидо кардан, аз даст додан; ба хотири касе ё коре аз баҳри худ ё касе ва ё чизе гузаштан; в) фидои кори баде кардани касе; бедареғ истифода бурдани касе барои расидан ба мақсаде; **қурбон шудан** а) фидо шудан, ҷон нисор кардан; б) талаф ёфтан; ҳалок шудан; **қурбони коре гардидан** фидои коре шудан, ҷон нисор кардан барои коре; фирефтаи коре ё чизе шуда, худро зоеъ кардан; **қурбони тир гардидан** тӯъмаи тир гаштан, бо тир кушта шудан; **сари худро қурбон кардан** ҷони худро фидо кардан, аз баҳри ҷони худ гузаштан; ◊ **қурбонат шавам** ҷонам ба ту фидо, тасаддуқат гардам (дар мавриди таҳқиқу тасдиқ гуфта мешавад).

**ҚУРБОН//ҚИРБОН** II قربان камондон, чарме, ки дар тиркаш дӯхта, ҳамоилвор дар гардан андозанд, ба тавре ки тиркаш дар паси дӯш ҷой гирад ва камонро низ дар он чарма нигаҳ доранд.

**ҚУРБОНГОҲ** قربانگاه 1. ҷое, ки дар он ҳайвонҳои қурбониро мекушанд, маҳалли қурбонӣ кардан. 2. ҷое, ки дар он касоне дар роҳи мақсаде кушта шудаанд.

**ҚУРБОНӢ** قربانی 1. маросим ва амали куштани чорпоён дар иди қурбон. 2. ҳайвоне, ки онро дар иди қурбон мекушанд: **гӯсфанди қурбонӣ**. 3. фидокорӣ, аз ҷон гузаштан, ҷоннисорӣ, кушта шудан дар роҳи расидан ба мақсаде; **қурбонӣ додан** а) *ниг.* **қурбонӣ кардан**; б) талафот додан, кушташуда доштан; **қурбонӣ кардан** чорпо куштан барои садақа.

**ҚУР-ҚУР** قور قور *калимаи тақлиди* овози қурбоққа.

**ҚУРОҚ** *т.* قراق чизе, ки аз порчаҳои матоъҳои гуногунранг бо тартиби махсусе дӯхта шудааст: **дастархони қуроқ, кӯрпаи қуроқ**.

**ҚУРОҚӢ** قراقی *мансуб ба* **қуроқ**; аз қуроқ дӯхташуда.

**ҚУРРАТУЛАЙН** *а.* قرّةالعين *кит.* 1. нури чашм. 2. *маҷ.* фарзанд, хеши бисёр наздик.

**ҚУРС** *а.* قرص 1. ҳар чизи гирд ва доирашакл, гирда: **қурси моҳ, қурси офтоб, қурси нон** гирдаи нон; якто нони гирда. 2. як хел қанди гирдаи паҳн; оби дандон, чақ-чақи дандон; **қанду қурс** қандҳои гуногун. 3. доруи хушк, ки ба шакли гирд ва паҳн сохта шудааст.

**ҚУРУҚМОЛӢ** قروقمالی *таър.* андозе, ки дар собиқ аз қабилаҳои озоди кӯчӣ гирифта мешуд.

**ҚУРУН** *а.* قرون *ҷ.* **қарн** I ва II.

**ҚУРУТ** *т.* قروت чаккаи ҷурғоти сахте, ки лӯнда-лӯнда карда хушкондаанд, кашк; **давои қурут – оби ҷӯш** (*зарб.*) ислоҳи ҳар чиз

роҳе дорад.

**ҚУРУТАК** قروتک *шакли тасғири* қурут; ҳар чизи шабеҳи қурут сахт; **зардолуи қурутак** меваи зардолуе, ки начида, дар дарахташ нағз пазонда хушконида шудааст.

**ҚУРУТОБ** قروت‌آب навъи хӯроке, ки он асосан аз қурути дар оби чӯш ҳал кардашуда ва фатири равғанӣ тайёр мекунанд.

**ҚУРЧ** قرچ сермағз, пурра, сифт, вазндор; *муқоб.* **пӯк** ва **пуч**.

**ҚУРЪА** *а.* قرعه коғазпора, чӯбча, мӯҳра, танга ё ягон чизи дигари шартӣ, ки аз рӯи он насиб ё ҳиссаи касеро муайян мекунанд (*мас., дар бозӣ*); саҳм, насиб; **қуръа кашидан** бо кашидани ягон чизи нишонадори шартӣ аз байни чандтои якхелаи он муайян кардани насибу ҳаққи касе ба чизе ё навбати коре; **қуръа партофтан** бо ҳаво додани танга, мӯҳра, ягон чизи дигари шартӣ ҳал кардани баҳсу талоши байни ду ё чанд кас.

**ҚУРЪАЗАН** قرعه‌زن он ки бо қуръа фол мебинад, фолбин, раммол.

**ҚУРЪАКАШӢ** قرعه‌کشی муайян кардани ҳаққу навбати касе ё дастае бо роҳи қуръапартоӣ; **қуръакашии дастаҳо** муайян кардани ҳайати дастаҳои гурӯҳҳо (*мас., дар Ҷоми ҷаҳонӣ оид ба футбол*).

**ҚУРЪАПАРТОӢ** قرعه‌پرتائی *исми амал аз* **қуръа партофтан**; ба воситаи қуръа муайян кардани саҳм ё навбати касе.

**ҚУРЪОН** قرآن номи китоби муқаддаси мусулмонон, ки тибқи таълимоти дини ислом бар ҳазрати Муҳаммади пайғамбар (с) нозил гардидааст ва дар он аҳкоми дини ислом ва шариати он дарҷ ёфтааст; **хатми Қуръон** а) аз сар то охир хондани Қуръон; б) барои ёди мурдагон хондани порчае аз Қуръон ва маросиме, ки барои ин барпо карда мешавад; **тилловати Қуръон** қироати Қуръон.

**ҚУРЪОНХОН** قرآن‌خوان хонандаи Қуръон, он ки Қуръон мехонад, қорӣ; порсо, обид.

**ҚУРЪОНХОНӢ** قرآن‌خوانی маросими хондани Қуръон; машғул будан бо хондани Қуръон.

**ҚУСУР** I *а.* قصور камбудӣ, нуқсон; айб, гунoҳ; **қусури чизеро баровардан** камбудии рӯйдодро ислоҳ кардан, пур кардани ҷои чизи талафшуда, ҷуброн кардани кор ё фурсати зоеъшуда, талофӣ кардани зараре.

**ҚУСУР** II *а.* قصور *ҷ.* **қаср**.

**ҚУТ** I *а.* قوت хӯрданӣ, таом, ғизо (*шакли ҷамъи он* **ақвот** *аст*); ризқ, рӯзӣ; *ба тариқи истиора*: **қути рӯҳ, қути рӯҳу равон, қути ҷон; қути лоямут** ҳадди ақалли хӯроке, ки барои зинда мондан кифоят мекунад, хӯроки «бихӯру намур».

**ҚУТ** II *а.* قوت ранг, ранги рухсор; **қути** *касе* **кандан** *гуфт.* ранги рӯи касе тағйир ёфтан; сахт тарсидан.

**ҚУТБ** I *а.* قطب 1. *ҷуғр.* ҳар як аз ду нуқтаи меҳвари тасаввурии кураи Замин ва мавзеи атрофи ин нуқтаҳо: **қутби шимолӣ, қутби ҷанубӣ**. 2. *ҷуғр.* маҳалли бархӯрди меҳвари олам аст бо кураи самовӣ, ки қутби осмон гӯянд. 3. *физ.* яке аз ду нӯги занҷири қувваҳои барқӣ ё магнитӣ: **қутби манфӣ, қутби мусбат, қутби магнитӣ**; **ситораи қутб** яке аз муниртарин ситораҳои гурӯҳи Дубби Асғар аст, ки дар наздикии қутби шимолии дунё воқеъ аст ва аз рӯи зарурат самтро бо он муайян мекунанд; **қутби ҳайвонӣ** *зоол.* яке аз ду тарафи тухм ки тарафи дигарашро **қутби растанӣ** меноманд.

**ҚУТБ** II *а.* قطب навъи гиёҳест, ки се хор дорад ва онро хори сепаҳлӯ низ мегӯянд.

**ҚУТБ** III *а.* قطب 1. сутунаи оҳании осиё ва чарх; оҳанест дар санги поёнии осиё, ки санги болоии осиё бар он мегардад. 2. шайхи ягона; лақаби он валиест, ки тартиботи маънавии мулку кишвар бар дӯши ӯ гузошта шудааст; *маҷ.* дурахшонтарин симо (*аз адибон, ҳунармандон, варзишгарон ва м. инҳо*); **қутби замон** машҳуртарин, намоёнтарин шахси даврон.

**ҚУТБГАРД** قطب‌گرد иштироккунандаи экспедитсияи илмӣ ба қутбҳои кураи Замин.

**ҚУТБӢ** قطبی *мансуб ба* **қутб**: воқеъ дар ноҳияи қутб: **фаҷри қутбӣ, шаби қутбӣ**.

**ҚУТБНАМО** قطب‌نما асбоби хурдест ба андозаи соати кисагӣ, ки дар рӯи сафҳаи дараҷабанди он ақрабак ҷойгир шудааст ва

як нӯки (кабуди) он ҳамеша ба тарафи шимол ишорат мекунад.

**ҚУТКАНДА** قوتکنده *сифати феълии замони гузашта* аз **қут кандан**; рангпарида; тарсон.

**ҚУТН** *а.* قطن *кит.* навъи пахта, пунба аст, ки ниҳоли он бисёрсола буда, ҳосили он барои табобат низ истифода мегардад.

**ҚУТОС** قطاس 1. чорпои қавиҷуссаи монанд ба гов, ки пашми дароз дорад ва дар минтақаҳои баландкӯҳ зиндагӣ мекунад, гажгов: **қутоси ваҳшӣ, қутоси хонагӣ**. 2. туғи гарданбанди асп, ки аз мӯи думи қутос тайёр карда шудааст.

**ҚУТОСПАРВАР** قطاس‌پرور он ки бо парвариши қутосҳои хонагӣ машғул аст; мутахассиси қутоспарварӣ.

**ҚУТОСПАРВАРӢ** قطاس‌پروری соҳаи чорводорӣ, ки барои парвариши қутосҳои хонагӣ барои истеҳсоли ширу гӯшт, пашм *ва г.* махсус гардонида шудааст: **фермаи қутоспарварӣ**.

**ҚУТР** *а.* قطر 1. *риёз.* хатти росте, ки аз маркази доира гузашта, доираро ба ду ҳиссаи баробар тақсим мекунад, диаметр: **қутри доира**, **қутри Моҳ**, **қутри қубур**. 2. ғафсӣ, захомат.

**ҚУТРӢ** قطری *мансуб ба* **қутр**; арзӣ, кӯндаланг.

**ҚУТТИЧА** قطی‌چه қуттии хурд.

**ҚУТТӢ** *т.* قطی 1. ҳар чизи аз чӯб, картон, филиз ё маводи пластикӣ сохташудаи чоркунҷа, ки барои ҷо додан ва нигоҳ доштани чизҳо хизмат мекунад, ҷаъба; сандуқча: **қуттии гӯгирд, қуттии консерва, қуттии папирос (ё сигарет), қуттии шоколад, қуттии тир**...; **қуттии интихобот(ӣ)** сандуқчаи махсус барои ба дохили он партофтани варақаҳои овоздиҳӣ; **қуттии занбӯри асал** *ниг.* **канду**; **қуттии почта** сандуқчаи махсуси дар кӯчаю хиёбонҳо насбгардида, ки мактубҳои лифофадорро ба дохили он мепартоянд (*барои ба воситаи почта расонидани онҳо*). 2. дар кирмакпарварӣ воҳиди ченаки муайяни вазни тухми кирмак, ки барои парвариши кирми абрешим тайёр карда шудааст; **дар қуттии аттор ҳам ёфт нашудан // аз қуттии аттор ҳам ёфт нашудан** ниҳоят нодир, ноёб будан; бисёр аҷибу ғариб будан.

**ҚУУД** *а.* قعود *ниг.* нишастан дар намоз, нишаст.

**ҚУФЛ//ҚУЛФ** قفل//قلف 1. олати филизӣ, ки бо он дари хона, сандуқ, ҷевон *ва г.* маҳкам мекунанд. 2. *гуфт.* кулангдони силоҳи оташфишон: **қуфли пулемёт**; **қуфл будан** баста будан, маҳкам будан (бо қулф); **қуфл задан** қулф овехтан, бастан; қулф кардан; **қуфл кардан** маҳкам кардан, бастан бо қулф; **қуфл шинондан, қуфл шикастан, дарро аз болои** *касе* **қуфл кардан, дарро аз дарун қуфл кардан...; қулфу калид** олатҳои бастану кушодани дарҳо (-и хазина); **қуфл бар дар суст кардан** дар ба рӯи соилон боз кардан, мушкили касеро ҳал кардан; **қуфл дар роҳ будан** банд будани роҳ, баста будани пеши коре; **қуфл шудани дарё** банд шудани дарё ба сабаби бисёр гаштани об; **гӯш қуфл задан** гӯш руст шудан; **қуфл задан ба даҳони** *касе* касеро ба хомӯшӣ маҷбур кардан, даҳони касеро бастан; **қуфли даҳонро кушодан ба** гап даромадан, гап задан; **қулфи дилро кушодан** рози ниҳонии худро ошкор кардан; **қулфи хомӯширо шикастан** хомӯширо вайрон кардан бо гапи худ; ба сухан даромадан; ◊ **қуфли абҷад** қуфле, ки бо рамзҳарфҳо кушода мешавад; **қуфли забонбанд** *д.* дуое, ки барои бастани забони касе дар қуфл медаманд.

**ҚУФЛАНДОЗ** قفل‌انداز бозкунандаи дар; шикանандаи қуфл.

**ҚУФЛБАНД** قفل‌بند дарбанд, касе, ки нигаҳбони дар аст; дарбон, посбон.

**ҚУФЛГАР** قفل‌گر *ниг.* **қуфлсоз**.

**ҚУФЛКУШО** قفل‌کشا *маҷ.* кушояндаи қулф, барҳамзанандаи мушкилиҳо.

**ҚУФЛСОЗ** قفل‌ساز устое, ки қулф месозад, қуфлгар.

**ҚУШБЕГӢ** قوش‌بیگی *таър.* мансаби сарвазири амирони Бухоро (*олитарин мансаб*), ки корҳои маъмурии давлатӣ дар дасти ӯ буд.

**ҚУЮД** *а.* قیود *кит. ҷ.* **қайд**; **қуюди шабгардӣ** *ҳ.* қоидаҳои дар шаб гаштугузор кардан, соати комендантӣ.

**ҚӮЗАҚАНДӢ** *т.* قوذقندی занбӯруғ, қорч, телпаки қозӣ.

**ҚӮҚАНДӢ** قوقندی *мансуб ба* **Қӯқанд**; сокини

шаҳри Қӯқанд; **аробаи қӯқандӣ** як навъ аробаи дорои чархҳои калон.

**ҚӮЛТУҚ** *т.* قولتوق зери бағал, зери каш; бағал, оғӯш.

**ҚӮНОҚ** *т.* قوناق як навъ ғалладонаи арзанмонанд, ки хӯроки парандагон ҳисоб мешавад.

**ҚӮПАЛ** *т.* قوپل дағал, ноҳинҷор; номавзун, нотарошида (оид ба одам); **қӯпал-қӯпал** дағалона, ба дуруштӣ.

**ҚӮР** I *т.* قور 1. оташи зери хокистар, хокистари сӯзон: **оташи қӯр**. 2. асбоби ҷанг, ярок, силоҳ; ◊ **сӯҳбат қӯр гирифтан** сӯҳбат тафсидан, гуфтугӯ авҷ гирифтан.

**ҚӮР** II *т.* قور 1. захира. 2. барака, файз; **қӯру қӯт** захираи озуқа, хӯроквории захиравӣ.

**ҚӮРА** *т.* قوره ҷои чор тарафаш иҳоташуда барои нигаҳдории рама, хобок, ҳел.

**ҚӮРАЙИЛ** قورايیل пуштанги пашмин, зертанги гилемӣ.

**ҚӮРБОШӢ** *т.* قورباشی *кит.* 1. сардори қӯрхона дар аморати Бухоро. 2. унвони сардори дастаи босмачиён.

**ҚӮРҒОН** قورغان қалъа, ҳисор, диж; истеҳкомот.

**ҚӮРҒОНӢ** قورغانی *гуфт. мансуб ба* **Қӯрғонтеппа** (шаҳр), қӯрғонтеппагӣ.

**ҚӮРҒОНЧА** قورغانچه қӯрғони хурд, қалъача, ҳисорак; истеҳкоми хурд.

**ҚӮРҒОШИМ** قورغاشیم *ниг.* **сурб**.

**ҚӮРҒОШИМӢ** قورغاشیمی *мансуб ба* **қӯрғошим**; аз қӯрғошим сохташуда: **тири қӯрғошимӣ**.

**ҚӮРҒОШИМРАНГ** قورغاشیمرنگ монанд ба ранги қӯрғошим, хокистарранги моил ба кабуд; тираранг.

**ҚӮРӢ** قوری дар қӯр (II) пухташуда; **лаблабуи қӯрӣ** лаблабуе, ки дар хокистари қӯрдор пухта шудааст.

**ҚӮРУҚ** *т.* قوروق 1. **қӯруқ кардан** муҳофиза кардан, посбонӣ кардан. 2. *нав.* мавзее, ки бо мақсади ҳифзу нигаҳдорӣ ва парвариши баъзе намудҳои ҳайвоноту набототи дохили он дар он ҷо шикору моҳигирӣ, дарахтбурию алафдаравӣ *ва г.* ба вақти муайян манъ карда шудааст, қӯруқгоҳ; *муқ.* **мамнӯъгоҳ**.

**ҚӮРУҚГОҲ** قوروقگاه *ниг.* **қӯруқ** 2.

**ҚӮРУҚБОН** قوروقبان хизматчии қӯруқгоҳ; посбони қӯруқгоҳ.

**ҚӮРУҚШИКАН** قوروقشکن он ки тартиботу муқаррароти қӯруқгоҳро риоя намекунад, вайронкунандаи тартиботи қӯруқгоҳ.

**ҚӮРУҚШИКАНӢ** قوروقشکنی вайрон кардани тартиботу муқаррароти қӯруқгоҳ.

**ҚӮРХОНА** قورخانه *кит.* анбори аслиҳа ва лавозимоти ҷанг, аслиҳахона.

**ҚӮРЧӢ** قورچی *таър.* яке аз мансабҳои хурд дар аморати Бухоро, ки вазифааш силоҳдорӣ буд; низомие, ки ҳамеша дар назди саркарда буда, фармонҳои вайро ба ҷо меовард.

**ҚӮТАН** *т.* قوتن бошишгоҳ барои зимистонгузаронии рамаи гӯсфандон (*дар чарогоҳҳои биёбонӣ*).

**ҚӮТУР** *т.* قوتور касалии гузаранда дар ҳайвонот, ки дар пӯсти онҳо доначаҳои маддадор пайдо мешавад; **харбузаи қӯтур** як навъ харбузаи зардчаи пӯсташ сахти чиндор.

**ҚӮЧ** *т.* قوچ гӯсфанди нари шохдор, тагал; *муқ.* **ғуч**.

**ҚӮЧҚОР** *т.* قوچقار *ниг.* **қӯч**.

**ҚӮШ** I *т.* قوش 1. як ҷуфт барзагови ба омоч бастašуда барои заминронӣ; **қӯш рондан** замин шудгор кардан. 2. *кӯҳ.* андозаи замини зироатӣ, ки дар мавсими деҳқонӣ бо як ҷуфти гов кор карда мешуд ва дар хонигариҳои Осиёи Миёна як қӯш замин 40-50 таноб (ё 10-12 га)-ро ташкил медод; **қӯш гирифтан** ба андозаи қӯш замин гирифтан. 3. *лаҳҷ.* гурӯҳ, тӯда (*одатан ҳамҷинсҳо*): **онҳо ба қӯши мо ҳамроҳ шуданд; қӯш кардан** *гуфт.* ҳамроҳ кардан, бастан (*барзаговро ба омоч, аспро ба ароба ва г.*); васл кардан, пайвастан; **қӯш шудан** а) ҳамроҳ шудан, якҷоя шудан; б) аралаш шудан ба коре.

**ҚӮШ** II قوش қӯшхона, манзили муваққат, бошишгоҳ (*дар сафар*); **қӯш партофтан** ҷои нишаст дуруст кардан барои гурӯҳи одамон.

**ҚӮША** قوشه ҷуфт, дуто; *муқ.* **танҳо**, **якка**; **қӯша-қӯша** а) ҷуфт-ҷуфт, дутоӣ; б) *маҷ.* бисёр,

мутааддид.

**ҚӮШАПИР** قوشه‌پیر орзуи хайр аст дар ҳаққи зану шавҳари ҷавон, ки то пирӣ дар як ҷо умр бинанд.

**ҚӮШГИР** قوشگیر он ки ба ӯ қӯш-қӯш замин бахшида мешуд (*ниг.* **қӯш** II, 2).

**ҚӮШДОИРА** قوشدایره дуто доираи якҷоя навохташаванда.

**ҚӮШКАРНАЙ** قوشکرنی асбоби мусиқӣ, ки аз ду карнай иборат аст ва онро дар тӯю ҷашнҳо истифода мебаранд.

**ҚӮШКУНАНДА** قوشکننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **қӯш кардан**; васлкунанда, пайвастакунанда; **қӯшкунандаи вагонҳо** коргаре, ки вагонҳои қатори роҳи оҳанро ба якдигар пайваст мекунад.

**ҚӮШҚОРАК** قوشقارک ғӯла, ғӯлачӯб; **қӯшқоракҳои чана** ғулачӯбе, ки дар зери чана(-и русӣ) гузошта мешавад..

**ҚӮШЛАҒАД** قوشلغد *гуфт.* ҷуфтак задан, бо ду по якбора лагад задани асп ва хар, ҷуфтак.

**ҚӮШНАЙ** قوشنی як навъ асбоби мусиқие, ки ба найи дуқӯша шабоҳат дорад.

**ҚӮШОҚ** *т.* قوشاق *гуфт.* якчанд гӯсфанди бо арғамчин ба ҳамдигар басташуда; **қӯшоқ-қӯшоқ карда мондан** гурӯҳ-гурӯҳ карда баста мондан.

**ҚӮШПУЛӢ** قوشپولی *кҳн.* яке аз андозҳои замин, ки собиқ аз деҳқонон гирифта мешуд.

**ҚӮШУН** *т.* قوشن//قشون лашкар, сипоҳ; артиш: **қӯшун(ҳо)и баҳрӣ**, **қӯшуни пиёдагард, қӯшуни савора**.

**ҚӮШХОНА** قوشخانه 1. манзилгоҳи муваққат, бошишгоҳ (*дар сафару саёҳат*). 2. манзилу макон барои меҳмонон; манзиле, ки дар тӯйҳо барои меҳмонони аз роҳи дур омада омода месозанд.

**ҚӮШЧӢ** قوشچی ҷуфтрон: **иттифоқи қӯшчиён** (*таър*).

# Л

**Л** *ҳарфи шонздаҳуми алифбои ҳозираи тоҷикӣ; дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ бо ҳарфи* лом (ل) *ифода меёбад; ҳарфи лом дар ҳисоби абҷад ба адади 30 баробар аст.*

**ЛАБ** لب 1. канори берунии атрофи даҳони одам ва баъзе ҳайвонҳо, ки дандонҳоро мепӯшонад: **лаби боло, лаби поин, лаби тунук, лаби ғафс, лаби гулгун, лаби майгун, лаби пурханда, лаби хандон, лаби ҷонбахш, кунҷи лаб, лабро пок кардан, лабони** *касе* **ба табассум моил шудан, аз лабони** *касе* **табассум дур нашудан, дар лабони** *касе* **табассум дамидан (пайдо шудан); лаб(он)-и ақиқ** лабҳои сурхи зеборӯён; **лаби лаъли шакаргуфтор** лаби сурхи ширинсуханон; **лаби шакарбор** лаби маҳбубаи ширинкалом; **лабу лунҷ** а) атрофи лабу даҳон; б) *киноя аз* намуди бади зоҳирии чизе; **бо лаби пурханда // бо лабони пуртабассум** бо лаби хандон; хеле хандон; ниҳоят шод; **лаб ҷунбон(и)дан** а) лабро ба ҳаракат даровардан; б) *киноя аз* зери лаб гуфтан, ниҳоят оҳиста гап задан. 2. канор, соҳил: **лаби баҳр, лаби дарё, лаби кӯл, лаби об, лаби рӯд, лаби чашма; лаби ҷӯ(й)** а) канори ҷӯ; наздики ҷӯ; б) девораи паҳлуии ҷӯ; **лаби ҳавз** канори ҳавз; нишастгоҳ дар канору атрофи ҳавз: **лаби ҳавзи Ғозиён, лаби ҳавзи Девонбегӣ; сарви лаби ҷӯ** сарви сарсабзи воқеъ дар канори ҷӯ; **лаб-лаби**… бо канори…, ба тӯли соҳили…; қад-қади…: **лаб-лаби дарё, лаб-лаби ҷӯ**…; **лаби ғор** назди даҳани ғор. 3. канораи ҳар чиз; гӯшаи чизе: **лаби айвон, лаби бом, лаби кат, лаби палос, лаби суфа; як лаби рӯймол; лаби гилем** як гӯшаи гилем; **лаби доман** канори доман, зеҳи доман; **лаби кунҷора** порчаи кунҷора; **лаби нон** а) канори нон; б) *маҷ.* луқмаи нон, бурдаи он; **лаби тиреза** *гуфт.* зертахтаи тиреза; тоқчаи таги тиреза; **лаб ба лаб карда дӯхтан** ду канори матоеро ба ҳам расонида дӯхтан. 4. канораи болоии пиёла, коса, кӯза, хум *ва г*; **лаби дег** а) канораи гирдогирди даҳони дег; б) *гуфт.* назди дегу дегдон, атрофи дег; **лабу лаҳча** гапдонӣ; чарбзабонӣ, хушгапӣ; **лабу лаҳча кардан** чарбзабонӣ кардан, фасеҳбаёнӣ намудан; **лаб-лаб** лаболаб, лабрез, ниҳоят пур; **лаб ба лаб** лабрез, пуропур: **сатили лаб ба лаб** (*аз об*…)**: лаб ба лаб кардан, лаб ба лаб шудан; зери лаб // дар зери лаб** а) оҳиста, камшунаво; б) худ ба худ (*чизе гуфтан*): **зери лаб замзама кардан, зери лаб чизеро ҳисоб кардан…; (дар) зери лаб хандидан // (дар) зери лаб табассум кардан** а) ноаён ханда кардан, табассум кардан, лабханд задан; б) тамасхур кардан, ришханд кардан, писханд задан; **як лаб нон** а) як бурда нон; б) *киноя аз* хӯроки бисёр кам; **ин лаб – он лаб** *маҷ.* ин тарафу он тараф; атрофу акноф; **бо лаби ташна** ташналаб; **бо лабони хушк** ташнаву гушна; **бо лабу лунҷи овезон** бо қиёфаи норозиёна; димоғсӯхта; **то лаби гӯр** то дами марг; **лаб бастан // лаб фурӯ бастан** гап назадан, хомӯш шудан; **лаб боз кардан // лаб во кардан** *ниг.* **лаб кушодан; лаб бурма кардан** лабро каҷу пурчин кардан барои изҳори норизогӣ аз чизе; **лаб ба** *чизе* **во кардан** *ниг.* **лаб ба** *чизе* **ку-**

**шодан; лаб газидан** а) лаби поинро ба зери дандон гирифтан ба аломати касеро нигоҳ доштан аз гуфтани чизе; б) хомӯш шудан, гап назадан; в) афсӯс хӯрдан, изҳори пушаймонӣ ва надомат кардан; **лаб кушодан** а) гап сар кардан, сухан оғоз кардан; б) гап задан, гуфтан; **лаб ба гап (сухан) кушодан** ба гап даромадан, сухан оғоз кардан; **лаб ба** *чизе* **кушодан** дар бораи чизе ё коре гап сар кардан: **лаб ба дашном кушодан, лаб ба шикоят кушодан...; лаб задан** лабрез шудан, пуропур шудан; **лаб лесида гаштан** *гуфт.* ташнаву гушна гаштан; **лабҳо пушти гӯш рафтан** хандон шудан; бисёр хурсанд шудан; **лаб тар кардан** андак нӯшидан; ташнагиро шикастан; **лабу лунҷ овезон кардан** лабро каҷу килеб кардан барои изҳори норозигӣ ва димоғсӯхтагӣ; вазъи рӯи худро тағйир дода изҳори норизогӣ кардан аз чизе; **лаб андар лаб будан** бисёр наздик будан; дар дами чизе будан; **лаб ба лаб нарасонда (норасонда) гап задан** тез гап задан, бо шитоб ҳарф задан; **лаб ба ханда нарафтан** майлу хоҳиши хандидан надоштан, ба дил нағунҷидани хандаю шодӣ; **бахти** *касе* **лаб задан** тофтани бахти касе; омад кардани кори касе; **аз ҳарф лаб фурӯ бастан** аз сухан бозистодан, гапро бас кардан; **аз як лаби** *чизе* **хӯрдан** қисми каме аз чизеро аз худ кардан; **ба лаби дарё (об) ташна бурда ташна овардан** а) ниҳоят пухтаву зирак будан; б) бисёр фиребгар будан, дар қаллобӣ ниҳоят моҳир будан; **ба лаб доштан** вирди забон будан (-и номи касе); **ба(р) лаб овардан** ба забон овардан, зикр кардан; **ба лаби гӯр бурдан** куштан, ба ҳалокат расондан; **ба лаб кулӯх молидан (молида гаштан)** ягон кори кардаи худро пинҳон намуда хомӯш гаштан; кореро карда худро ба нодонӣ задан; **ба гап (сухан) лаб мондан** гапи касеро қувват додан, гапи касеро таъкид ва таъриф кардан; **дар лаб будан** дар даҳони касе будан, вирди забони касе будани чизе; **об ба лаби ҷӯ баробар шудан** *ниг.* **об**; **по бар лаби гӯр будан** дар дами марг будан; охири умри худро ба сар бурдан; **пои** *касе* **ба лаби гӯр расидан** наздик омадани марги касе, кам мондани умри касе; **ҷон ба лаб расидан (омадан)** а) ба марг наздик шудан, қариб ба мурдан расидан; б) ба танг омадан, ба ҷон расидан, аз ҷон безор шудан; **як лаби дунё кам нашуд** ба дунё осебе нарасид, як гӯшаи дунё кам нашуд.

**ЛАБА** لبه 1. канора, ҳошияи чизе; қисми лабмонанди чизе. 2. лапар (-и кулоҳ), офтобгардон. 3. канор ва лаби тези корд ё шамшер.

**ЛАБАД** *а.* لبد *кит.* 1. намад. 2. пашми гӯсфанду шутур.

**ЛАБАДОР** لبدار канорадор, ҳошиядор.

**ЛАБАДӮЗӢ** لبدوزی лабаи матоъ ва порчаҳоро ба дарун тах карда дӯхтан.

**ЛАБАК** لبک 1. *шакли тасғир ва навозишии* **лаб**. 2. нӯги чизе. 3. *мус.* созҳои нафасие, ки ба лаб менавозанд: **лабаки най.**

**ЛАБАКИДӮЗӢ** لبکی‌دوزی *исми амал аз* **лабакӣ дӯхтан;** шуғли хайёте, ки ба либосҳо канора медӯзад.

**ЛАБАКӢ** لبکی канораи мӯинае, ки ба гиребон, ба бар ё домани либосҳо барои ороиш медӯзанд; гардиши тарафи берунаи телпак: **лабакӣ дӯхтан.**

**ЛАБАН** *а.* لبن *кит.* шир.

**ЛАБАНИЁТ** لبنیات ширу маҳсулоти ширӣ (*ҷурғот, панир, равған, равғани маска, дӯғ, хома, кашк ва г.*)

**ЛАБАНӢ** لبنی *марбут ба* **лабан;** ширӣ.

**ЛАБАС** *а.* لبث *кит.* таваққуф, истодан; даранг, диранг.

**ЛАББАЙ** *а.* لبّی (*аслаш* **лаббайк)** *нидо дар ҷавоби хитоб ё баъди шунидани сухани касе ба маънои* «қабул мекунам», «итоат мекунам», «ба хизмат тайёрам» *кор фармуда мешавад;* ҳа, ҳо, бале; **лаббай гуфтан** ҳа гуфтан; итоат кардан.

**ЛАББАЙГӮЁН** لبّی‌گویان *феъли ҳол аз* **лаббай гуфтан;** дар ҳолати лаббай гуфтан.

**ЛАББАЙГӮИ** لبّی‌گوئی фармонбардорӣ, итоат кардан.

**ЛАББАЙГӮЙ** لبّی‌گوی итоаткунанда; мутеъ, фармонбардор.

**ЛАББАЙК** *а.* لبّیک *ниг.* **лаббай.**

**ЛАББАЙКЗАНОН** لبّیک‌زنان *ниг.* **лаббайгӯён.**

**ЛАББАРГАРДОН** لب‌برگردان 1. дорои лаб ё гиребони баргашта. 2. қисмате ё бахше аз рӯкаши китоб, ки аз ҷилди китоб зиёд меояд ва дар ду тараф тоб хӯрда, миёни ҷилд ва баданаи китоб қарор мегирад.

**ЛАББАРГАШТА** لب‌برگشته *ниг.* **лаббаргардон**.

**ЛАББАСТА** لب‌بسته 1. он ки даҳонашро бастааст, дорои даҳони баста. 2. *маҷ.* сокит, хомӯш.

**ЛАББОФ** لب‌باف ҷуволдӯз, он ки чодари хайма ва лавозими онро медӯзад.

**ЛАББОФӢ** لب‌بافی 1. амал ва шуғли лаббоф. 2. мавзее, ки дар он ҷо ҷувол ва лавозими чодару хайма мебофанд.

**ЛАБГАЗ** لب‌گز он ки лабҳои худро бо ишорати сукут ё хомӯш ва аз рӯи хашму таассуф мегазад.

**ЛАБГАЗӢ** لب‌گزی ҳолат ва вазъи лабгаз; **лаб газидан.**

**ЛАБГАРДОН** لب‌گردان (*либос ё пойафзори*) канорааш ба берун ё дарун гардонида: **кулоҳи лабгардон.**

**ЛАБГИРД** لب‌گرد он ки ё он чи лабҳои гирд дорад.

**ЛАБҒАФС** لب‌غفس он ки лабҳои ғафси овезон дорад; лабдӯл.

**ЛАБДӮЗ** لب‌دوز *маҷ.* бисёр ширин, чуноне ки аз ғояти ширинӣ лабҳоро бо ҳам медӯзад ва мечаспонад.

**ЛАБДӮЛ** لب‌دول *ниг.* **лабғафс.**

**ЛАБЕША//ЛАБОША** لبیشه//لباشه ҳалқаи ресмонии чӯбдор, ки ба лаби аспи бадфеъл ниҳода тоб медиҳанд, то ки ором шавад; лабтоб.

**ЛАБИБ** *а.* لبیب оқил, доно, хирадманд.

**ЛАБИДАРЁӢ** لب‌دریایی воқеъ дар соҳили дарё.

**ЛАБИҚ** *а.* لبیق *кит.* зирак, ҳушёр; бохабар.

**ЛАБИРИНТ** *ю.* لبیرینت 1. *таър.* иншооти дорои роҳравҳои печдарпеч дар Юнони қадим ва Миср. 2. вазъияти мураккаб, ки аз он баромадан хеле мушкил аст. 3. *тиб.* қисми дарунии гӯш, ки узви сомеа ва идоракунандаи мувозинати бадан ба ҳисоб меравад.

**ЛАБӢ** لبی 1. *мансуб ба* **лаб**. 2. *грам.* овозе, ки бо иштироки лаб ҳосил мешавад: **садонокҳои лабӣ, ҳамсадоҳои лабӣ.**

**ЛАБКАШОЛ** لب‌کشال *гуфт.* даҳоняла; ноӯҳдабаро.

**ЛАБКАҶ** لب‌کج он ки ё он чи лабҳои каҷ дорад: **табақи лабкаҷ; ⌑ хандаро кӣ кунад? – лабкаҷ!** (*мақ.*).

**ЛАБЛАБУ** لبلبو як навъи сабзавоти хӯрокӣ, ки бехмевааш сурх ё сафед мешавад, лабу, чуғундар; **лаблабуи қанд** лаблабуи сафеди боғӣ, ки аз шираи он шакар мегиранд; **лаблабуи қӯрӣ** лаблабуи дар хокистари сӯзон пухта; **лаблабуи сурх** навъи лаблабуи хӯрокӣ, ки бехмеваи сурх дорад; ◊ **лаблабу барин сурх шудан** ниҳоят сурх шудан (*аз шарму хиҷолат*).

**ЛАБЛАБУГИН//ЛАБЛАБУГӢ** لبلبوگین//لبلبوگی *мансуб ба* **лаблабу**; аз лаблабу тайёршуда.

**ЛАБЛАБУҒУНДОР** لبلبوغندار ғундорандаи лаблабу, ҷамъоварикунандаи ҳосили кишти лаблабу: **комбайни лаблабуғундор.**

**ЛАБЛАБУҒУНДОРӢ** لبلبوغنداری *исми амал аз* **лаблабу ғундоштан;** кандану ҷамъ овардани ҳосили лаблабу: **мавсими лаблабуғундорӣ.**

**ЛАБЛАБУЗОР** لبلبوزار майдони кишти лаблабу, киштзори лаблабу.

**ЛАБЛАБУКОВАК** لبلبوکاوک олати кишоварзӣ барои кандани бехмеваҳои лаблабу.

**ЛАБЛАБУКОР** لبلبوکار кишткунандаи лаблабу, он ки бо киштукори лаблабу машғул аст: **хоҷагии лаблабукор**.

**ЛАБЛАБУКОРАК** لبلبوکارک мошин барои киштани лаблабу.

**ЛАБЛАБУКОРӢ** لبلبوکاری киштукори лаблабу.

**ЛАБЛАБУРАНГ** لبلبورنگ ба ранги лаблабуи сурх, монанди ранги лаблабу.

**ЛАБЛАБУФУРӮШ** لبلبوفروش он ки лаблабуи хом ё пухта мефурӯшад.

**ЛАБЛАБУФУРӮШӢ** لبلبوفروشی шуғли лаблабуфурӯш; **лаблабуфурӯшӣ кардан** бо харидуфурӯши лаблабу машғул будан.

**ЛАБЛАБУШӮРБО** لبلبوشوربا шӯрбое, ки ба он лаблабуи сурх андохтаанд.

**ЛАБЛЕС** لبلیس *гуфт.* даҳаняла, гаранг.

**ЛАБЛОБ I** لبلاب *кит.* гули ошиқипечон, ишқандарпечон; алафи печак.

**ЛАБЛОБ II** لبلاب *кҳн.* 1. азоимхон, дуохон. 2. афсунгар, ҷодугар.

**ЛАБЛӮЛА** لبلوله ҳошия, зеҳ.

**ЛАБЛӮЛАДОР** لبلوله‌دار ҳошиядор, зеҳдор: **ҷомаи лаблӯладор.**

**ЛАБОВЕЗОН** لب‌آویزان 1. он ки лаби ӯ ба поин кашол аст. 2. *маҷ.* даҳаняла, даҳанбоз.

**ЛАБОД** *а.* لباد *кҳн.* ҷомаи боронии намадӣ.

**ЛАБОЛАБ** لبالب пур аз чизҳои обакӣ, лабрез, моломол, саршор: **лаболаб кардан, лаболаб шудан, лаболаб пур шудан**.

**ЛАБОРАНТ** *лот.* لبارنت 1. корманди илмии техникӣ дар лабораторияи илмӣ – озмоишгоҳӣ, озмоишгар. 2. корманди таълимгоҳ, ки одатан барои машғулиятҳои лабораторӣ асбобу маводи заруриро тайёр мекунад.

**ЛАБОРАНТӢ** لبارنتی кор ва шуғли лаборант.

**ЛАБОРАТОРИЯ** *лот.* لبارتاریه муассиса ё шӯъбае, ки дар он таҷриба ё тадқиқоти илмӣ ва санҷишҳои гуногун гузаронида мешавад; озмоишгоҳ.

**ЛАБОРАТОРӢ** لبارتاری *мансуб ба* **лаборатория,** озмоишгоҳӣ; натиҷаи дар лаборатория ба даст овардашуда; **машғулияти лабораторӣ** дарс дар донишгоҳу омӯзишгоҳҳо, ки дар он озмоишҳои илмӣ ва техникӣ мегузаронанд.

**ЛАБОЧА** لباچه *кҳн.* ҷомаи пешкушодаи дарози шабеҳи чакман.

**ЛАБПАР** لب‌پر *ниг.* **лабпарида**.

**ЛАБПАРИДА** لب‌پریده зарфе, ки ягон ҷои канораш андак шикастаст: **косаи лабпарида, пиёлаи лабпарида**.

**ЛАБПАРИДАГӢ** لب‌پریدگی лабшикастагӣ, ҷои паридагии бисёр ками лаби зарф ё чизи дигар.

**ЛАБРЕЗ** لبریز лаболаб, пур, саршор, моломол; **лабрез шудан** лаболаб пур шудан; **лабрез шудани косаи сабри** *касе ниг.* **коса**.

**ЛАБС** *а.* لبس шубҳа эҷод кардан, ба шубҳа андохтан.

**ЛАБСУРХКУНАК** لب‌سرخ‌کنک *гуфт.* молидании ороишӣ барои сурх кардани ранги лаби занон.

**ЛАБСӮЗ** لب‌سوز хеле гарм, сӯзон: **шӯрбои лабсӯз.**

**ЛАБСӮХТА** لب‌سوخته *сифати феълии замони ҳозира аз* **лаб сӯхтан.** 1. он ки чизи гарме нӯшида ё хӯрда, лабонаш сӯхтааст. 2. *маҷ.* он ки аз коре таҷрибаи талхе дорад.

**ЛАБТАНГ** لب‌تنگ тангдаҳон (*сифати маҳбуба*).

**ЛАБТАХТ** لب‌تخت лаълие, ки ҳамвор ва белаба аст.

**ЛАБТАШНА** لب‌تشنه ташна, хоҳони об, ташналаб; **дашти лабташна** дашти беоб.

**ЛАБТОБ** لبتاب ҳалқаи тасмагие, ки вақти наъл задан лабу даҳони аспҳои бадфеълро тофта нигоҳ медоранд; лабеша.

**ЛАБТУРШ** لب‌ترش дорои туршии андак, камтурш.

**ЛАБТУРШӢ** لب‌ترشی лабтурш будан, камтуршӣ.

**ЛАБХАНД** لبخند хандае, ки бо ҳаракати андаки лабҳо ба ҳам мерасад, табассум; писханд, тамасхур: **лабханд задан, лабханд кардан**.

**ЛАБХАНДА** لبخنده *ниг.* **лабханд**.

**ЛАБХАНДАК** لبخندک *ниг.* **лабханд**.

**ЛАБХОНӢ** لب‌خوانی 1. аз рӯи ҳаракати лаби хонанда ё гӯянда дарёфтани суханони ӯ. 2. равиши кор бо кару гунгҳо барои фаҳми онҳо.

**ЛАБХУШК** لب‌خشک он ки лаби ӯ аз ташнагӣ қоқ шудааст; лабташна.

**ЛАБЧАНГ** لب‌چنگ *мус.* сози хурди камоншакли филизӣ, ки дар мобайнаш забонча дорад ва ин созро одатан занону духтарон миёнаи лабҳо гузошта менавозанд, чангқовуз.

**ЛАБЧАРО** لب‌چرا нахӯди бирён, донак ва дигар меваҳои хушк, ки вақти сӯҳбат мехӯранд.

**ЛАБЧАСП** لب‌چسپ бомаза, лаззатнок, лазиз.

**ЛАБЧАШАК** لبچشک андаке аз хӯрок ё нӯшокие, ки барои санҷидани мазаи он мечашанд.

**ЛАБЧОК** لبچاک он ки лаби болояш модарзод чок, яъне дарида аст.

**ЛАБШАКАР** لبشکر *мач.* 1. ширинзабон, ширинкалом, хушгап. 2. маҳбуба.

**ЛАБШИКАСТА** لبشکسته *ниг.* **лабпарида**.

**ЛАБШОН** لبشان ҷои ба тарафи дарун баромадаи канори ҷӯй ва роши киштзор; **лабшон задан** бо каланд ё бел зада-зада нест кардани ҷои ба тарафи дарун баромадаи канори ҷӯй ё вoти замин.

**ЛАБШӮЙЛАТТА** لبشوی لتّه латтае, ки ба об тар карда, бо он лаби аспро мешӯянд.

**ЛАБШӮР** لبشور дорои шӯрии андак, шӯрии кам.

**ЛАВ I** لو *кит.* баландӣ, пушта.

**ЛАВ II** لو *кҳн.* зардоб, сафро.

**ЛАВ III** لو **:гардан лав кардан** *гуфт.* гардан гаҷ кардан, сар хам кардан.

**ЛАВ IV** *а.* لو *кит.* агар; **ва лав** ва агар.

**ЛАВ V** لو навъи ширинӣ.

**ЛАВАНД** لوند 1. танбал; коҳил, сустрафтор; ноӯҳдабаро. 2. *кит.* айёш, мард ё зани бадрафтор.

**ЛАВАНДӢ** لوندی лаванд будан; танбалӣ, коҳилӣ: **лавандӣ кардан**.

**ЛАВАНДОНА** لوندانه танбалона; коҳилона.

**ЛАВВАС** لوّس **:лаввас кардан** *гуфт.* а) сӯзиш кардан, сӯхтан (*аз шиддати гармо ё сармо*); б) дурахшидан, тофтан: **лахча барин лаввас кардан.**

**ЛАВВОҲ** *а.* لوّاح 1. лавҳасоз. 2. лавҳакаш, рассоми лавҳанавис.

**ЛАВВОҲӢ** لوّاحی 1. лавҳасозӣ. 2. санъати ороиши китобҳои қадимӣ.

**ЛАВГӮШ** لوگوش овезонгӯш: **хари лавгӯш**.

**ЛАВЕД//ЛАВИД** لوید *кит.* деги калони саркушода, деги бузурги мисин ё сангин.

**ЛАВЗ I** *а.* لوز бодом; **ҳалвои лавз** ҳалвои аз мағзи бодом ё писта бо шакар пухташуда.

**ЛАВЗ II** لوز часп, сафеда, сафедаи тухми мурғ.

**ЛАВЗ III** لوز 1. муш. 2. амрад.

**ЛАВЗАТАЙН** *а.* لوزتین 1. *ҷ.* дугонаи **лавз**. 2. ду бодомаки гулӯ.

**ЛАВЗИНА** *а.* لوزینه **ҳалвои лавз: лавзина ба гов додан** (*мақ.*).

**ЛАВЗӢ** لوزی *марбут ба* **бодом**; ба шакли бодом, монанди бодом, бодомӣ.

**ЛАВМ** *а.* لوم *кит.* маломат, сарзаниш, накӯҳиш.

**ЛАВН** *а.* لون 1. ранг, гуна. 2. хел, навъ.

**ЛАВНА** لونه гулгуна, ғоза, сурхӣ, ки занон ба рӯй мемоланд.

**ЛАВО** *а.* لوی *кит.* печиши шикам, дарди шикам.

**ЛАВОЕҲ** *а.* لوایح *ҷ.* **лоиҳа**.

**ЛАВОЗИМ** *а.* لوازم *ҷ.* **лозима**; корҳо ё чизҳои лозим.

**ЛАВОЗИМОТ** *а.* لوازمات *ҷ.* **лавозим;** чизҳои зарурӣ; асбобу анҷом; **лавозимоти хатнависӣ** асбобу анҷоми хатнависӣ (*аз қабили* коғазу қалам *ва г.*), асбоби таҳрир; **лавозимоти ҳарбӣ (ҷангӣ)** яроқу аслиҳаи барои ҷанг лозим.

**ЛАВОМЕЪ** *а.* لوامع *ҷ.* **ломеа** *ва* **ломеъ**.

**ЛАВОҲИҚ** *а.* لواحق *ҷ.* **лоҳиқа** *ва* **лоҳиқ**.

**ЛАВОШ** لواش як навъ нони хеле тунук.

**ЛАВОШӢ** لواشی ҷое ё дӯконе, ки дар он нони лавош мефурӯшанд.

**ЛАВС** *а.* لوث олоиш, олудагӣ (*бо ягон чизи нопок*).

**ЛАВҲ** *а.* لوح 1. ҳар чизи сатҳаш паҳни сангӣ, филизӣ *ва г.,* ки дар рӯи он хат менавиштанд ё нақшу нигор мекашиданд; **лавҳи мазор** сангнавиштаи сари қабр, санги мазор. 2. ду тахтаи аз ҳам гузаронидашудаи шабеҳ ба курсича, ки бар рӯи он китобро монда мехонанд; **лавҳи нотамонӣ** тахтачаи поядор барои рӯи он гузошта хондани нота. 3. тахтачаи мусаттаҳи мактабҳои қадим, ки ба рӯи он ҳарфҳо навишта, ба шогирдон ме-

омӯзонданд: **лавҳи таълим**. 4. тахтачаи расмкашии рассомон. 5. саҳифаи аввали бо нақшҳои рангин ороишдодашудаи китобу дастнависҳои қадимӣ; сарлавҳ; **лавҳу ҷадвалкашӣ** ороишу зинатдиҳӣ ва кашидани рахи сатрҳои китобу дастнависҳо (-и қадимӣ). 6. *ниг.* **лавҳа; лавҳ кашидан** сурат кашидан, расм кашидан; ◊ **лавҳи маҳфуз** *кит.* сарнавишт; **лавҳи хотир** сафҳаи хотир; хотира, ёд; **аз лавҳи хотир рафтан** фаромӯш шудан, аз ёд рафтан, аз ёд баромадан; **ба лавҳи хотир нақш бастан** дар ёд мондан.

**ЛАВҲА** *а.* لوحه 1. тахтача ё коғази сахте, ки дар он ном ва вазифаи шахсе, унвони ягон идора, тартиби кори шахсе ё идорае навишта, бар сари дар ё пештоқи бино овехта мешавад, овезаҳои пушти дар, овеза; **лавҳаи эълонҳо** тахтаи паҳну васее, ки дар он эълон, хабарҳои расмӣ *ва г.* навишта мечаспонанд: **лавҳаи дӯкони қаннодӣ, лавҳаи мағоза**; **лавҳаи ёдгорӣ** тахтае, ки дар он номе ё маълумотеро навишта, барои дар ёди омма нигоҳ доштан дар ҷои намоёни биное ё ба сари кӯчае мегузоранд; **лавҳаи фахрӣ** тахтаи паҳни калоне, ки дар он расм ё номи шахсоне, ки дигарон бо онҳо фахр карда метавонанд, часпонда ё навишта шудааст. 2. манзара, намуд, лавҳ. 3. рамз, сурат, мусаввара. 4. *адш.* тасвири хурди бадеии манзарае аз ҳаёт ё ягон хислати шахс; **лавҳаи бадеӣ** саҳна, порча ё ҷузъиёте аз ягон асари бадеӣ, ки як навъ мустақилият дорад.

**ЛАВҲАКАШ** لوحه‌کش бо нақшу нигор ороишдиҳандаи китобу дастнависҳои қадимӣ, ороишдиҳандаи китобу дастнависҳо.

**ЛАВҲАКАШӢ** لوحه‌کشی ҳунару шуғли лавҳакаш; **устохонаи лавҳакашӣ** ҷои кори устоҳои лавҳакашу лавҳасоз.

**ЛАГ I** لگ *гуфт., ниг.* **лак I.**

**ЛАГ II** لگ банд, зиндон, маҳбас.

**ЛАГАД** لگد 1. лат ё зарбае, ки бо пой ба касе ё чизе зада мешавад; **лагад андохтан (парондан, партофтан)** бо як ё ду пои ақиб зарба задани чорпои сумдор; **лагад задан** бо пой зарба задан; ба зери лагад гирифтан; **лагад кардан** *ниг.* **лагад задан; лой лагад кардан** лойро бо по зер карда-зер карда тайёр кардан (*мас., барои похсазанӣ*); **лагад хӯрдан** бо лагад зада шудан. 2. зарбае, ки дар асари таркиши борут ҳангоми тирандозӣ аз силоҳҳои оташфишон (*туфанг, тӯп ва г.*) пайдо мешавад; **ба гапи касе лагад задан** *маҷ.* миёни сухани касеро бурида, ба гап даромадан; **лагади харро хар мебардорад** (*мақ.*) дуруштию дағалии одами бадро назири ӯ таҳаммул мекунад.

**ЛАГАДАНДОЗ** لگدانداز бо як ё ду пои ақиб зарба задани чорпои сумдор.

**ЛАГАДАНДОЗӢ** لگداندازی *исми амал аз* **лагад андохтан.**

**ЛАГАДЗАН** لگدزن асп, хар ё гове, ки бо лагад одамро мезанад, ҳайвоне, ки бо ду пои пушт лагад мезанад.

**ЛАГАДЗАНӢ** لگدزنی *исми амал аз* **лагад задан;** лагадзан будан.

**ЛАГАДКОРӢ** لگدکاری *ниг.* **лагадкӯбӣ.**

**ЛАГАДКӮБ** لگدکوب **:лагадкӯб кардан** бо лагад задан; поймол кардан.

**ЛАГАДКӮБА** لگدکوبه зарбаи лагад; зарба.

**ЛАГАДКӮБӢ** لگدکوبی задан бо пой касе ё чизеро; поймол кардан; **лагадкӯбӣ кардан** бо лагад зада-зада поймол кардан.

**ЛАГАДМОЛ** لگدمال *ниг.* **лагадкӯб**; **лагадмол шудан** зери по монда хеле бисёр дучори лату кӯб шудан.

**ЛАГАДМОЛӢ** لگدمالی *ниг.* **лагадкӯбӣ.**

**ЛАГАДПАРОН** لگدپران *ниг.* **лагадандоз.**

**ЛАГАДПАРОНӢ** لگدپرانی *ниг.* **лагадандозӣ.**

**ЛАГАДПАРТОӢ** لگدپرتایی *исми амал аз* **лагад партофтан.**

**ЛАГАДХАСТА** لگدخسته лагадзада, лагадхӯрда, помолшуда.

**ЛАГАДХОР** لگدخوار *кит., ниг.* **лагадхӯр.**

**ЛАГАДХӮР** لگدخور 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **лагад хӯрдан.** 2. *маҷ.* он ки озору шиканҷа дидааст.

**ЛАГАДХӮРАНДА** لگدخورنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **лагад хӯрдан.**

**ЛАГАН** لگن 1. зарфи чуқури филизӣ барои да-

стшӯӣ ё ҷомашӯӣ, ташт, тос, тағора. 2. *гуфт.* табақи калон, лаълӣ. 3. *кит.* шамъдон.

**ЛАГАНБАРДОР** لگن‌بردار *мач.* хушомадгӯй, косалес.

**ЛАГАНБАРДОРӢ** لگن‌برداری *мач.* хушомадгӯӣ, тамаллуқ.

**ЛАГАНДА** لگنده кӯк (бахя)-и абраву астари либоси пахтадор ё кӯрпа; **laганда кардан** бо кӯкҳои калон-калон дӯхтани абраву астари либоси пахтадор ё кӯрпа.

**ЛАГАНЧА** لگنچه лагани хурд.

**ЛАГЕР** *олм.* لگیر 1. бошишгоҳи муваққатии умумии дар ҳавои кушод ё дар хаймаҳо ҷойгирифта: **лагери сайёҳон**. 2. номи баъзе муассисаҳо барои нигоҳ доштани гурӯҳи калони одамон: **лагери асирони ҳарбӣ, лагери ислоҳи меҳнатӣ**; **лагери мактабиён** истироҳатгоҳи тобистонаи мактабиён. 3. гурӯҳбандӣ аз нуқтаи назари маслак ва мароми иҷтимоию сиёсӣ: **лагери сотсиализм, лагери тарафдорони сулҳ**.

**ЛАГЛАГ** لگ لگ *ниг.* **лаклак**.

**ЛАГОМ** لگام *кит., ниг.* **лаҷом**.

**ЛАГОМГУСЕХТА** لگام‌گسیخته *ниг.* **лаҷомгусехта**.

**ЛАГОМГУСЕХТАГӢ** لگام‌گسیختگی *кит., ниг.* **лаҷомгусехтагӣ**.

**ЛАҒАД** لغد *гуфт., ниг.* **лагад**.

**ЛАҒВ** *а.* لغو 1. сухани беҳудаву бемаънӣ, ҳарза, сафсата. 2. ботил кардан, бекор кардан; **лағв кардан** бекор кардан, аз эътибор соқит кардан, ботил кардан, мансух кардан, фасх намудан.

**ЛАҒЖАНДА** لغژنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **лағжидан**; лағжон, лағжонак; **нигоҳи лағжанда** нигоҳи хунуки шубҳаангез; нигоҳи ғашовар.

**ЛАҒЖАНДАГӢ** لغژندگی *тарзи дигари сифати феълии замони ҳозира аз* **лағжидан**; лағзанда будан, лағзандагӣ.

**ЛАҒЖИДА** لغژیده *сифати феълии замони гузашта аз* **лағжидан**; **лағжида рафтан** сахт лағжидан.

**ЛАҒЖИДАН//ЛАҒЗИДАН//ЛАҒҶИДАН** لغژیدن//لغزیدن//لغجیدن 1. молиш хӯрда аз ҷои худ рафтан, ғеҷидан. 2. *мач.* надониста хато содир кардан, аз камтаҷрибагӣ хато кардан.

**ЛАҒЖИШ//ЛАҒЗИШ** لغژش//لغزش *исми феълӣ аз* **лағжидан//лағзидан**; **лағжиш хӯрдан** лағжидан, ғеҷидан.

**ЛАҒЖОН** لغژان *феъли ҳол аз* **лағжидан**; дар ҳолати лағжидан.

**ЛАҒЖОНАК** لغژانک сатҳаш ба дараҷае тахту ҳамвор, ки дар рӯи он чизе истода наметавонад, ғеҷон, ғеҷонак; **лағжонак кардан** лағжанда кардан, ғеҷон кардан.

**лағз** *асоси замони ҳозира аз* **лағзидан**.

**ЛАҒЗ** لغز лағзиш, лағжидан; хазида ба ҷаҳиш омода шудани шер, паланг *ва г.*

**ЛАҒЗАНДА** لغزنده *ниг.* **лағжанда**.

**ЛАҒЗАНДАГӢ** لغزندگی *ниг.* **лағжандагӣ**.

**ЛАҒЗИДАН** لغزیدن *ниг.* **лағжидан.**

**ЛАҒЗИШ** لغزش *ниг.* **лағжиш.**

**ЛАҒЗИШГОҲ** لغزشگاه ҷои лағзидан.

**ЛАҒЗ-ЛАҒЗОН** لغزلغزان лағжида-лағжида, ғеҷида-ғеҷида; ноустувор.

**ЛАҒЗОН** لغزان *феъли ҳол аз* **лағзидан;** лағжон.

**ЛАҒЗОН(И)ДАН** لغزاندن//لغزانیدن *тарзи бавоситаи* **лағзидан;** ғеҷонидан.

**ЛАҒМОН** لغمان *хӯр.* навъи таом, ки аз хамири тор-тор буридаи дар об пухта ва аз қайлаи гӯшти қима, пиёз, сабзӣ, картошкаю нахӯд тайёр мекунанд.

**ЛАҒҶИДАН** لغجیدن *ниг.* **лағжидан.**

**ЛАДҒ** *а.* لدغ *кит.* газидани мор; неш задани каждуму занбӯр.

**ЛАДҒА** *а.*لدغه *кит.* газидагӣ ва неши мору каждум.

**ЛАДУННӢ** *а.*لدونی *кит., д.* он чи аз ғайри табиату зеҳн ва ғайри саъю кӯшиш аз тарафи Худо ато шудааст, худодод: **илми ландуннӣ.**

**ЛАЁҚАТ** *а.* لیاقت 1. лоиқ будан, сазоворӣ, шоистагӣ, арзандагӣ. 2. қобилиятнокӣ, қобилият,

истеъдод; **лаёқат доштан** а) лоиқ будан, сазовор будан; б) қобили коре будан, қобилият доштан, тавоной ва қудрати иҷрои коре доштан.

**ЛАЁҚАТМАНД** لیاقتمند *ниг.* **лаёқатнок**.

**ЛАЁҚАТМАНДӢ** لیاقتمندی лаёқатманд будан, болаёқатӣ.

**ЛАЁҚАТНОК** لیاقتناک *муқ.* **болаёқат**, қобил, мустаид; аз ӯҳдаи ҳама кор мебаромадагӣ; ӯҳдабаро.

**ЛАЁҚАТНОКӢ** لیاقتناکی *ниг.* **лаёқатмандӣ**.

**ЛАЁЛӢ** *а.* لیالی *кит.*, *ҷ.* **лайл**.

**ЛАЁН** لیان *кит.* дурахшон, тобон, бофурӯғ; **лаён-лаён** тобон-тобон, дурахшон-дурахшон.

**ЛАЗГИНӢ** لزگینی *мансуб ба* **лазгӣ;** забони халқи лазгӣ.

**ЛАЗГӢ** لزگی номи яке аз халқҳои маскани кишварҳои Доғистон ва Озорбойҷони Қафқоз: **халқи лазгӣ, забони лазгӣ, рақси лазгӣ.**

**ЛАЗЕР** *фр.* لزیر *физ.* асбоби оптикӣ барои дар як ҷо ҷамъ карда, ҳосил намудани дастаи пурқуввати шуоъ.

**ЛАЗЕРӢ** لزیری *мансуб ба* **лазер**; ба воситаи лазер ҳосилшуда: **нури лазерӣ**.

**ЛАЗЗАТ** *а.* لذّت ҳиссе, ки аз дарки хушӣ ва гуворой дар одам пайдо мешавад, ҳаловат; дарки мазаи хуш; ширинӣ; **лаззат бурдан** ҳаловат бурдан, маза кардан (*аз хӯрдан ё дидани чизи хушу дилкаш*); **лаззат гирифан** а) *ниг.* **лаззат бурдан**; б) *маҷ.* аз чизе баҳра бурдан; ҳаловати чизеро дидан; **лаззати дигар доштан** мазаи дигаргун доштан; бомазатар будан; хеле ҳаловатбахш будан; ◊ **лаззати** *чизеро* **чашидан** аз чизе баҳра бурдан; ҳузуру ҳаловати чизеро дидан: **лаззати бӯсаҳои аввалинро чашидан, лаззати дидор чашидан, лаззати ҳаётро чашидан; лаззати хӯрду хобро аз даст додан** бароҳат хӯрдаву хобида натавонистан; зиндагӣ барои касе талх шудан.

**ЛАЗЗАТАФЗО** لذّتافزا он чи лаззати чизеро боз ҳам зиёдтар мекунад.

**ЛАЗЗАТБАХШ** لذّتبخش он чи кас аз он лаззат ва ҳаловат мегирад.

**ЛАЗЗАТГИР** لذّتگیر лаззатгиранда, аз маза ва гуворои чизе баҳраваршаванда.

**ЛАЗЗАТЁБ** لذّتیاب **:лаззатёб гардидан // лаззатёб шудан** лаззат бурдан, ҳаловат кардан; баҳраманд шудан.

**ЛАЗЗАТЁБӢ** لذّتیابی лаззат бурдан, ҳаловат бурдан, лаззатёб гардидан.

**ЛАЗЗАТНОК** لذّتناک хушмаза, гуворо, хушгувор.

**ЛАЗЗАТФИЗО** لذّتفیزا *ниг.* **лаззатафзо**.

**ЛАЗЗАТОВАР** لذّتآور оварандаи лаззат, чизе, ки мазаи хуб дорад, болаззат.

**ЛАЗИЗ** *а.* لذیذ лаззатнок, болаззат, бомаза, хуштаъм; ширин: **меваҳои лазиз, таомҳои лазиз, хӯроки лазиз**.

**ЛАЗЪ** *а.* لذع *кит.* сӯзиш; озор, озори дил.

**ЛАИБ** *а.* لعب *кит.*, *ниг.* **лаъб**.

**ЛАИМ** *а.* لئیم *кит.* 1. бахили гузаро; хасис, мумсик. 2. нокас, фурӯмоя, пасттинат.

**ЛАИМӢ** لئیمی 1. бахилӣ, хасисӣ. 2. фурӯмоягӣ, нокасӣ.

**ЛАИМОНА** لئیمانه бахилона, хасисона.

**ЛАИМУТТАБЪ** *а.* لئیمالطبع *кит.* хасистабиат, мумсик.

**ЛАИН** *а.* لعین 1. лаънаткарда, лаънатӣ, малъун. 2. нокас, бадтинат, палид: **душмани лаин, хасми лаин**.

**ЛАЙИН** *а.* لئین нарм, мулоим.

**ЛАЙЛ** *а.* لیل шаб; **лайлу наҳор** шабу рӯз.

**ЛАЙЛАК** لکلک *гуфт., ниг.* **лаклак**.

**ЛАЙЛАКӢ** لیلکی *гуфт.*, *ниг.* **лаклакӣ**.

**ЛАЙЛАТУЛҚАДР** *а.*لیلةالقدر *д.* шаби қадр, шаби 27-уми моҳи рамазон, ки он шабро бандагон бо дуову ибодат рӯз мекунанд.

**ЛАЙЛӢ** *а.* لیلی 1. *мансуб ба* **лайл**; шабӣ, шабона. 2. номи маъшуқаи Маҷнун дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун». 3. *киноя аз* маъшуқа, маҳбуба.

**ЛАЙЛО** ليلا *ниг.* **лайлӣ** 2.

**ЛАЙС** *а.* ليث *кит.* шери дарранда.

**ЛАК I** لک 1. сад ҳазор; **лак-лак // лак андар лак** хеле зиёд, бисёри бисёр; **лаки дар лак** *ниг.* **лак андар лак; ◻ ҳисоб чав-чав, бахшиш лак-лак** он ки кораш ҳисобӣ нест, шахси исрофкор.

**ЛАК II** لک аҳмақ, аблаҳ, нодон; **Лаку Пак** а) номи ду қаҳрамони содалавҳи афсонавӣ; б) *мач.* ду аблаҳи бо ҳам дӯст: **лаку пак.**

**ЛАК//ЛОК III** لک//لاک 1. либос ё порчаи кӯҳна ва пора-пора. 2. жандапӯш, гандапӯш.

**ЛАКАЛАК** لکلک **:лакалак задан** ба оҳанги рақсу суруд қарсак задан.

**ЛАКАШАМ** لکه‌شم *гуфт.* лаванд, ландаҳур, ноӯҳдабаро.

**ЛАКДИРОЙ** لک‌دیرای ҳарзагӯй, беҳудагӯй, жожхо.

**ЛАККА** لکّه доғи ба рӯи чизе пайдошуда, асаре, ки аз равған, ранг *ва г.* дар либос ё чизҳои дигар мондааст, доғ; ◻ **лаккаи абр** пораи абр, абрпора.

**ЛАККАГИРӢ** لکّه‌گیری пок кардани доғ аз либос.

**ЛАККАДОР** لکّه‌دار доғдор; **лаккадор кардан** а) доғдор кардан; б) *мач.* бадном кардан.

**ЛАКЛАК** لکلک парандаи пой, гардан ва нӯлаш дарозе, ки баҳорон дар ҷойҳои баланд ошёна месозад, лайлак.

**ЛАКЛАКБОЗӢ** لکلکبازی як хел бозии бачагон, ки аз коғаз чизе месозанд ва мисли бодбарак ҳангоми шамол ба ресмон баста мепаронанд.

**ЛАКЛАКӢ** لکلکی ба монанди лаклак, лаклакмонанд; **барфи лаклакӣ** барфи калон-калони нарм.

**ЛАКЛАКХОНА** لکلکخانه лонаи лаклак.

**ЛАКМУС** *ҳол.* لکمس моддаи кабуди рангуборӣ, ки аз растаниҳои баҳрӣ месозанд ва ҳамчун индикатори химиявӣ истифода мебаранд.

**ЛАКНАТ//ЛУКНАТ** *а.* لکنت гирифтани забон дар вақти гап задан, тутилагӣ; **лакнат доштан** вақти гапзанӣ забон гирифтан, тутила (алкан) будан.

**ЛАКОНА** لکانه *кит.* ҳасиб, рӯдаи гӯсфанд, ки бо гӯшту ҷигари кӯфта пур карда мепазанд.

**ЛАКОТ** لکات хаставу бемадор, шалпар (*аз кори зиёд ва г.*): **лакот шудан**.

**ЛАКОТӢ** لکاتی беҳолию бемадорӣ, шалпарӣ.

**ЛАКҲАН** *ҳ.* لکهن *д.* рӯзадории ҳиндуён ва бутпарастон.

**ЛАҚ** لق **:лақу дақ** замини хушки беалаф; **лақу луқҳо** кӯҳнакола, лашу луш, чизҳои кӯҳнаю фарсуда, лоқу пар; **лақу луқи рӯзгор** чизҳои зарурии хона, чизу чораи рӯзгор.

**ЛАҚАБ** *а.* لقب номи иловагие, ки ба кас аз рӯи сифати нек ё бад, ё аз рӯи ягон кораш дода мешавад (*муқ.* **тахаллус**, ки худи шахс интихоб мекунад); унвон: **лақаб гирифтан, лақаб гузоштан, лақаб додан, лақаб доштан, лақаб мондан, лақаб ниҳодан; лақаб равшантар аз ном аст** (*мақ.*) лақаб чигунагии шахсро беҳтар аз ном ифода мекунад.

**ЛАҚАБГУЗОРӢ** لقب‌گذاری *исми амал аз* **лақаб гузоштан**; лақабмонӣ.

**ЛАҚАЙ** لقی 1. номи яке аз қабилаҳои туркзабон. 2. намояндаи ин қабила.

**ЛАҚАЙӢ** لقیی *мансуб ба* **қабилаи лақай; аспи лақайӣ** номи яке аз зотҳои аспи боркашу саворӣ, ки дар Тоҷикистон парвариш мешавад.

**ЛАҚВА** *а.* لقوه *тиб.* беморие, ки даҳон ё рӯи одам кач мешавад, фалаҷи рӯй.

**ЛАҚИТ** *а.* لقیط *кит.* кӯдаки навзоди бесоҳиб, бачаи партов.

**ЛАҚҚА** لقّه *ниг.* **лаққамоҳӣ**.

**ЛАҚҚАМОҲӢ** لکقه‌ماهی *зоол.* як навъ моҳии калони мӯйлабдор аз оилаи зағорамоҳиҳо.

**ЛАҚҚИГӢ** لقیگی пургӯӣ, сергапӣ, ҳарзагӯӣ, ёвагӯӣ.

**ЛАҚҚИДА** لقیده *сифати феълии замони гузашта аз* **лаққидан**; **лаққида мондан** а) беихтиёр сергапӣ кардан, ноогоҳона саргарми сӯҳбат шудан; б) нохост дар бораи чизе гуфта мондан, сирреро беихтиёр ором кардан.

**ЛАҚҚИДАН** لقیدن бисёр ва беҳуда гап задан, ҳарза гуфтан, беҳудагӯӣ кардан.

**ЛАҚҚӢ** لقی сергап, серҷоғ, ҳарзагӯ; даҳаняла; **лаққӣ афтидан (афтодан)** а) зуд бовар кардан; б) осон фиреб хӯрдан, фирефта шудан.

**ЛАҚҚОН(И)ДАН** لقاندن//لقانیدن *тарзи бавоситаи* **лаққидан**; касеро бисёр гап занондан, ба гап андохтан (*барои шӯхӣ ё гапгирӣ*).

**ЛАҚҚОН(И)ДАНӢ** لقّاندنی//لقّانیدنی *сифати феълии замони оянда аз* **лаққон(и)дан**; **лаққон(и)данӣ шудан** касеро ба гап андохтан хостан, бо мақсад ба гап гирифтани касе.

**ЛАҚЛАҚ** لقلق *гуфт.* бемаънигӯӣ, ҳарзагӯӣ; сергапӣ.

**ЛАҚЛАҚА** *а.* لقلقه *кит.* 1. бонги лаклак. 2. овози сахти боизтироб. 3. *ниг.* **лақлақ**.

**ЛАҚУЛУҚ** لقولق *гуфт., ниг.* **лақ (лақу луқ)**.

**ЛАЛЛУ//ЛАЛЛУҚ** للّو//للوق *гуфт.* фарбеҳи камқувват ва ноӯҳдабаро.

**ЛАЛЛУҚОНА** للوقانه *гуфт.* монанди лаллуқ; лавандона.

**ЛАЛМ** للم замини корами беоб, замине, ки обёрӣ намешавад.

**ЛАЛМИКОР** للمی‌کار деҳқон ё воҳиди дигари кишоварзӣ, ки дар заминҳои лалмӣ киштукор мекунад.

**ЛАЛМИКОРӢ** للمی‌کاری киштукор дар замини лалмӣ, зироат дар замини обёринашаванда; **майдони лалмикорӣ** киштзори лалмӣ.

**ЛАЛМӢ** للمی 1. обёринашаванда; аз барфу борон обхӯранда: **замини лалмӣ**; **лалмӣ киштан** дар замини лалмӣ кишт кардан. 2. ғалла ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар замини лалмӣ рӯёнида шудааст: **гандуми лалмӣ, тарбузи лалмӣ; шавад - обӣ, нашавад - лалмӣ** (*зарб.*) дар мавриди аз рӯи таваккал иҷро кардани коре, ки суду зиёни он начандон аст, истеъмол мешавад.

**ЛАМА I** *исп.* لمه *зоол.* як навъ ҳайвони ҷуфтсум аз оилаи шутурҳо.

**ЛАМА II** *тибет.* لمه роҳиби буддоиёни Тибет ва Муғулистон.

**ЛАМАИЗМ** *тибет.* لمه‌یزم яке аз мазҳабҳои асосии буддоӣ, ки пайравонаш дар Тибет, Муғулистон ва Русия (*бурятҳо, қалмиқҳо ва тувагиҳо*) зиндагӣ мекунанд.

**ЛАМАРКИЗМ** *фр.* لمرکیزم назарияи инкишофи эволютсионии табиати зинда, ки табиатшиноси фаронсавӣ Ж.Б. Ламарк (1744-1829) пешниҳод кардааст.

**ЛАМ-ЛУМ** لم‌لم *калимаи тасвирӣ*; **лам-лум карда гаштан** *гуфт.* бо чизе худро машғул кардан, бо коре худро банд карда гаштан.

**ЛАМПА** *фр.* لمپه 1. чароғи навъ ва сохти гуногун: **лампаи карасинӣ, лампаи овеза, лампаи даврапилта, лампаи хирасӯз, шишаи лампа, лампа(ро) даргирондан, лампаро хомӯш кардан; лампаи сиюм (чилум)** чароғи даврапилтаи равшане, ки асосан ба сақф овехта мешавад; **равғани лампа** карасин; **лампа сӯхтан** лампа даргирифтан. 2. *физ.* номи баъзе асбобҳои махсус: **лампаи генераторӣ**, **лампаи электронӣ** (*дар радиотехника*); ☐ **лампаи лаҳимкорӣ** лампаи бензинӣ барои тафсонидани лаҳимкаш.

**ЛАМПАДОР** لمپه‌دار :**радиоприёмники лампадор** радиоприёмники бо лампаҳои электронӣ коркунанда.

**ЛАМПОЧКА** *р.* لمپاچکه чароғе, ки бо қувваи барқ дармегирад.

**ЛАМС I** *а.* لمس палмосида, даст-даст карда дарк кардан, бо даст эҳсос кардан (*дуруштию гармӣ, сардию гармии чизеро*); **қобили ламс** ламсшавандагӣ, ламспазирӣ; **ламс кардан** а) бо даст эҳсос кардан; б) даст-даст карда дидан чизеро.

**ЛАМС II** *а.* لمس *гуфт.* суст, ланҷ: **ламсу фаҳӯл** сусту лаванд.

**ЛАМТУР** لمتر *кит.* ғафс, фарбеҳ, лаванд.

**ЛАМҲА** *а.* لمحه *кит.* муддати андак, лаҳза, дам.

**ЛАМЪА** *а.* لمعه дурахш, равшанӣ, партав.

**ЛАМЪАФИШОН** لمعه‌فشان партавфишон, равшаниандоз.

**ЛАМЯЗАЛ** *а.* لم‌یزل 1. безавол; ҷовид, абадӣ, безаволӣ. 2. безавол (*сифати Худо*).

**ЛАНГ I** لنگ одам ё ҳайвоне, ки як пояш айб дошта (*хоҳ модарзод ва хоҳ маъюб шуда*), дуруст роҳ рафта наметавонад, чӯлоқ; **хари**

**ланг** а) хари як пояш маъюб; б) *маҷ.* сустрафтор, танбал.

**ЛАНГ II** لنگ *гуфт.* иллат; бало, офат; **ланг будан** иллатнок (нуқсондор) будан; **ланг расидан** осеб расидан, офат расидан.

**ЛАНГАР** لنگر 1. оҳани вазнини махсуси занҷирдор, ки вақти таваққуфи киштиҳо барои устувор истодани онҳо ба об мепартоянд: **лангари киштӣ**; **лангар андохтан // лангар партофтан** а) ба об лангар партофтани киштӣ барои аз ҳаракат боздоштан (*дар бандар*); б) *маҷ.* дар ҷое таваққуф кардан; устувору барқарор истодан; **лангар бардоштан** лангар аз об берун овардани киштӣ (*барои ба роҳ баромадан*). 2. чизи вазнине, ки барои дар як вазъият нигоҳ доштани дастгоҳе ба кор мебаранд: **лангари дастгоҳи бофандагӣ; лангари соат** қисми таркибии соатҳои деворӣ, ки бо ҷунбидани он чархҳои соат ба ҳаракат меоянд, раққосаки соат. 3. *таър.* ҷое, ки ҳар рӯз дар он ба фақирон оши умумӣ медоданд; **лангар зада** бо тамкин, бо виқор, бо салобат: **лангар зада истодан, лангар зада нишастан**.

**ЛАНГАРАК** لنگرک *ниг.* **лангарча**; **лангараки соат** *ниг.* **лангари соат**.

**ЛАНГАРАНДОЗӢ** لنگراندازی *исми амал аз* **лангар андохтан; ҷои лангарандозии киштиҳо** *ниг.* **лангаргоҳ.**

**ЛАНГАРГОҲ** لنگرگاه ҷои лангар андохтан ва истодани киштиҳо; бандар.

**ЛАНГАРДОР** لنگردار 1. дорои лангар, болангар: **соати лангардор**. 2. сангин, вазнин.

**ЛАНГАРӢ** لنگری *мансуб ба* **лангар** 3; **табақи лангарӣ** табақи бисёр калон.

**ЛАНГАРЧӮБ** لنگرچوب чӯби дарозе, ки дорбозон вақти дорбозӣ барои нигоҳ доштани мувозинат ба даст мегиранд.

**ЛАНГАС** لنگس **:лангас задан** *гуфт.* забона задан (-и оташ).

**ЛАНГИДА** لنگیده *сифати феълии замони гузашта ва феъли ҳол аз* **лангидан**.

**ЛАНГИДАН** لنگیدن 1. ба сабаби иллати модарзод ё маъюбу дардманд будани як пой дуруст роҳ рафта натавонистан, дар рафтор халал пайдо шудан. 2. *маҷ.* пеш нарафтани коре, дар коре халал ва таваққуф рӯй додан. 3. *маҷ.* дар коре омил набудан, кореро нағз надонистан: **дар коре лангидан**; ◊ **бо (ҳар) ду по лангидан** а) ягон пешравӣ надоштани кор (-и идорае); б) ниҳоят ноӯҳдабаро будани касе; **пои** *касе* **дар иҷрои коре налангидан** дар иҷрои коре дудила нашудан, беҷуръатӣ накардани касе; **чун шутур аз элак лангидан** кори азимеро анҷом дода, дар иҷрои кори хурде оҷиз мондан; аз ӯҳдаи ҳалли масъалаи душворе баромада, дар ҳалли масъалаи ночизе дармондан.

**ЛАНГӢ** لنگی ланг будан; дуруст роҳ гашта натавонистан бинобар иллат доштани пой.

**ЛАНГОК** لنگاک *кит.* ранҷонанда, хафакунанда ва нофорам.

**ЛАНГОН** لنگان *феъли ҳол аз* **лангидан**; роҳгардӣ бо пои ланг, лангида (роҳ гаштан); **лангон-лангон** лангида-лангида роҳ рафтан, мисли ланг роҳ гаштан.

**ЛАНДАҲУР** لندهور одами қавиҳайкали пурзӯри танбал.

**ЛАНДАҲУРӢ** لندهوری танбалӣ.

**ЛАНҶ** لنج 1. суст, беморнамо; лакот. 2. палаве, ки нисбатан зиёд дам хӯрда ё биринҷаш бо сабаби серобӣ мулоим шудааст. 3. *маҷ.* расво, бемаза, чатоқ; ◊ **корро ланҷ кардан** корро вайрон кардан; корро расво кардан.

**ЛАНҶА** لنجه *кит.* рафтори бо нозу ишва, нозхиром.

**ЛАНҶИДАН** لنجیدن *кит.* 1. кашида баровардан, баровардан (*аз даруни чизе*). 2. ба ин тарафу он тараф майл карда мурғобивор роҳ гаштан.

**ЛАНҶӢ** لنجی 1. сустӣ, бемадорӣ; лакотӣ. 2. офат, бало.

**ЛАОЛӢ** *а.* لآلی *ҷ.* **лӯълӯ**.

**ЛАОМА** *а.* لآمه 1. лаимӣ, нокасӣ. 2. хасисӣ.

**ЛАПАР I** لپر қисми сахти пеши кулоҳ, кепка; лабаи кепка.

**ЛАПАР II** لپر *мус.* сурудхонии бадеҳамонанди

дукаса.

**ЛАП-ЛАП** لپلپ *калимаи тақлиди* садои мавҷи об; шалаппас.

**ЛАППАС//ЛАППОС** لپّس//لپّاس *гуфт., ниг.* **лап-лап** *ва* **лаппиш** 1; **лаппас задан** дар ҳолати лаппиш будан, лаппидан (-и об ва мавҷҳои дигар).

**ЛАППАСЗАНӢ** لپّس زنی мавҷзанӣ.

**ЛАППИДА** لپّیده *сифати феълии замони гузашта аз* **лаппидан; лаппида-лаппида** лаппиш хӯрда-лаппиш хӯрда.

**ЛАППИДАН** لپّیدن ҷунбидани чизҳои обакӣ; андак талотум доштани об; бо таъсири бод ба ҷунбиш омадан, амвоҷ хӯрдан (-и парчам *ва г.*).

**ЛАППИШ** لپش 1. *исми феълӣ аз* **лаппидан**; ҷунбиши чизҳои обакӣ ва эҳтизози матоъҳои тунуку нозук; шалаппас задан; **лаппиш хӯрдан** 1. лапидан, лаппас задан. 2. *физ.* ҳаракате, ки дараҷаи муайяни такроршавӣ дорад: **лаппиши раққосаки соат, суръати лаппиши механикӣ.**

**ЛАППӢ** لپّی *гуфт.* нохост, якбора ногаҳон; **лаппӣ карда омадан** нохост омада мондан.

**ЛАППОН(И)ДАН** لپاندن//لپانیدن *тарзи бавоситаи феъли* **лаппидан**; ҷунбонидан, ба ҷунбиш овардан (-и чизҳои обакӣ ва матоъҳои тунук).

**ЛАППОС** لپاس *ниг.* **лаппас**.

**ЛАР** لر *кит.* 1. ҷӯй, ки онро хоҳ сел ва хоҳ одам кандааст. 2. бағал, каш.

**ларз** لرز *асоси замони ҳозира аз* **ларзидан**.

**ЛАРЗ** لرز ларза, ларзиш; **табу ларз** вараҷа, таб-ларза; **тарсу ларз** аз шиддати тарс ларзидан; **бо тарсу ларз** тарсону ларзон; **ларз-ларз** ларзанда, ларзон; **ларз хӯрдан** ларзидан.

**ЛАРЗА** لرزه ҷунбиш, таконхӯрии пай дар пай, ларза, раъша; эҳтизоз; **ларза афкандан (афгандан) // ларза андохтан** *ниг.* **ба ларза андохтан**; **ларза афтодан** *ниг.* **ба ларза афтодан; ларза гирифтан** *касеро* ларзидан; вараҷа гирифтан касеро; **замин ба ларза омадан // замин ба ларза шудан** замин ҷунбидан, минҷунбӣ шудан; **ба (дар) ларза андохтан // ба ларза даровардан // ба ларза овардан** а) ларзонидан, ба ҷунбиш овардан; б) *маҷ.* ҷунбонда рӯ ба сустиву вайронӣ овардан; **ба ларза афтодан // ба ларза даромадан // ба ларза омадан** ларзидан, такон хӯрдан, ба раъша афтодан.

**ЛАРЗАНДА** لرزنده *сифати феълии замони ҳозира ва феъли ҳол аз* **ларзидан**; ларзон.

**ЛАРЗИДА** لرزیده *сифати феълии замони гузашта аз* **ларзидан; ☐ дили** *касе* **ларзида мондан** ҳаросида мондан, ҳаросон шудан, тарсидан.

**ЛАРЗИДАН** لرزیدن 1. пайдарҳам, тез-тез ва бо фосилаҳои кӯтоҳ-кӯтоҳ ҷунбидан, такон хӯрдани ягон чиз (*ҷои худро дигар накарда*); ба раъша афтодан (-и бадан), ларза хӯрдан: **дараг-дараг (дарақ-дарақ, дир-дир) ларзидани аъзои бадан, пир-пир ларзидани коғаз; замин ларзидан** замин ҷунбидан, ба ларза омадани замин. 2. *маҷ.* ҳаросон шуда, ба изтироб афтодан, тарсидан, тарсида ба воҳима афтодан; **овози** *касе* **ларзидан** дар овози сухани касе эҳсос шудани ҳаяҷони сахту изтироб; **☐ дили** *касе* **ларзидан** тарсидан, ҳаросидан, ба воҳима афтодан; **ба худ ларзидан** сахт ларза гирифтани касе, бо шиддат ларзидани тамоми бадани касе; **чун барги бед ларзидан // барги бед барин ларзидан** сахт ларзидан аз ғояти тарсу ваҳм.

**ЛАРЗИШ** لرزش 1. *исми феълӣ аз* **ларзидан**; ларза, такон, ҷунбиш, раъша: **ба ларзиш овардан** ларзондан; **ба ларзиш омадан** ларзидан. 2. ҷунбиши муттасили ҷисме, лаппиш.

**ЛАРЗ-ЛАРЗОН** لرزلرزان дар ҳолати ларзандагӣ, ларзида-ларзида.

**ЛАРЗОН** لرزان *феъли ҳол аз* **ларзидан**; дар ҳолати ларзиш буда, ларзанда: **бо дастони ларзон, бо овози ларзон**: **тарсону ларзон** дар ҳолати тарсу ларз, бо тарсу ларз; **ларзон шудан** ларзидан, ба ларза афтодан.

**ЛАРЗОНАК** لرزانک андаке ларзанда; **пули ларзонак** кӯпруки ноустувор, пули шалақ.

**ЛАРЗОНАНДА** لرزاننده *сифати феълӣ аз* **ларзидан;** ба ларза дароваранда.

**ЛАРЗОН(И)ДАН** لرزاندن//لرزانیدن *тарзи бавоси-*

*таи* **ларзидан**; ба ларза овардан, ба ларзиш водор кардан; ҷунбондан, такон додан; ба эҳтизоз овардан.

**ЛАС** لس навъи матои нахии якранг, ки бештар барои астар ба кор меравад.

**ЛАСИН** لسین *ниг.* **ласӣ**.

**ЛАСӢ** لسی *мансуб ба* **лас**; аз лас дӯхташуда.

**ЛАСМ** *а.* لثم *кит.* бӯсидан, бӯсиш.

**ЛАТ I** لت 1. задан бо даст, калтак *ва г.*, зарба, латма. 2. халал, монеа; **зарбу лат** задан, калтаккӯбӣ, калтаккорӣ, лату кӯб; **лат додан** *чизеро* а) задан, такон додан; зада тела додан; б) *хӯр.* лат дода омехта ва тайёр кардани ягон чизи шуррут (*барои пухтан*); в) *маҷ.* халал расондан, монеъ шудан; миёни корро шикастан; **лат додан** *касеро маҷ.* гап ё раъйи касеро гардонда ӯро хиҷил кардан; касеро сахт сарзаниш кардан, афшонда партофтан; **лат задан** *ниг.* **лат додан** *чизеро;* б) **лат хӯрдан** а) зарба дидан, ба зарба дучор шудан; б) дар натиҷаи афтодан, беҳаво пой мондан, бори вазнинеро бардоштан *ва г.,* муддате дардманд шудан (-и даст, пой ё миёни одам); в) *маҷ.* зада шудан, дучори сарзанишу танқид шудан; **миёни кор лат хӯрдан** *киноя аз* халал ёфтани коре, ба монеае дучор омадани коре.

**ЛАТ II** لت *кит.* шашпар, гурз.

**ЛАТ III** لت пора; **лат-лат** пора-пора, порча-порча, тикка-тикка.

**ЛАТАНБАР//ЛАТАНБОР** لتنبر//لتنبار *кит.* 1. пурхӯр, бисёрхӯр, шикампараст. 2. *маҷ.* ҳеҷкора, коҳил. 3. нодон, ҷоҳил, аҳмақ.

**ЛАТАНБОН** لتنبان *кит.* он ки шикамаш аз пурхӯрӣ монанди анбон шавад, шикамбора, пурхӯр.

**ЛАТАР** لتر 1. *кҳн.* воҳиди вазн, ки ба 2,5 кг баробар будааст. 2. *кит.* як навъ қадаҳи шаробхӯрӣ.

**ЛАТБАРДОР** لتبردار ҷонсахт, сахтҷон; тобовар.

**ЛАТБАРДОРӢ** لتبرداری ҷонсахтӣ, сахтҷонӣ; тобоварӣ.

**ЛАТВИЯГӢ** لتویگی *ниг.* **латвӣ**.

**ЛАТВӢ** لتوی *мансуб ба* **Латвия**; латвиягӣ: **забони латвӣ**, **миллати латвӣ**; **аҳли латвӣ** латишҳо.

**ЛАТИФ** *а.* لطیف 1. нозук, зариф; нарм. 2. гуворо, форам, матбӯъ. 3. дилкаш, дилпазир, дилписанд; нозанин, раъно, зебо; **андоми латиф** андоми нозуку зебо, қаду қомати раъно; **боғи латиф** боғи дилписанду дилкушо; **бӯи латиф** бӯи хушу форам (-и гулу майса); **савти латиф** овози фораму гӯшнавоз; **санъати латиф** санъати нафис, ҳунари зебо; **табассуми латиф** табассуми аз рӯи меҳру лутф, табассуми ширин; **табъи латиф** табъи нозук; хулқу атвори дилписанд; **таоми латиф** хӯроки хушмазаву гуворо; **ҷинси латиф** а) ҷинси нозук; б) *маҷ.* ишора ба зан; **ҳусни латиф** ҷамоли ҷаззоб, ҳусни дилфиреб; **шеъри (ашъори) латиф** шеъри пурнафосат, шеъри нағз.

**ЛАТИФА** *а.* لطیفه 1. яке аз жанрҳои насрии адабиёт аст, ки ҳикоячаҳои шӯхи хандаовар ва нақлҳои кӯтоҳи дилнишинро дар бар мегирад, базла; аския.

**ЛАТИФАГӮӢ** لطیفه‌گویی нақл кардани ҳикоячаҳои шӯхи хандаовар, зарофатгӯӣ, мутоиба; **латифагӯӣ кардан** латифа гуфтан, зарофатгӯӣ кардан (*одатан барои вақтгузаронӣ*).

**ЛАТИФАГӮЙ** لطیفه‌گوی он ки латифа мегӯяд, гӯяндаи ҳикоячаҳои шӯхи хандаовар.

**ЛАТИФАНАМО** لطیفه‌نما монанди латифа, шӯхиомез, ҳикояҳои латифамонанд.

**ЛАТИФАНДОМ** لطیف‌اندام андоми латиф дошта, нозукандом.

**ЛАТИФАНДОМӢ** لطیف‌اندامی латифандом будан, нозукандомӣ.

**ЛАТИФБОЗУ** لطیف‌بازو дорои бозуи зебо ва нарму нозук.

**ЛАТИФӢ** لطیفی латиф будан; латофат, назокат.

**ЛАТИФМАНЗАР** لطیف‌منظر хушрӯй, зебосурат, хушандом.

**ЛАТИФПАЙВАНД** لطیف‌پیوند мавзун, нозук.

**ЛАТИФСИРИШТ** لطیف‌سرشت покниҳод, нозуктабъ.

**ЛАТИФТАБИАТ** لطیفه‌طبیعت некӯсиришт, хушхулқ.

**ЛАТИФХӮЙ** لطیف‌خوئی нармхӯӣ, хушфеълӣ,

хушхулқӣ.

**ЛАТИШ** لتيش *ниг.* **латвӣ (аҳли латвӣ)**.

**ЛАТИШӢ** لتيشى *мансуб ба* **латишҳо**; **забони латишӣ** *ниг.* **латвӣ (забони латвӣ)**.

**ЛАТМА** *а.* لطمه ба ҳамдигар хӯрдани ду чиз; садама, осеб; зарба; тарсакӣ, шаппотӣ; **латма задан** а) зарба расонидан; б) халал расондан.

**ЛАТОИФ** *а.* لطائف 1. *ҷ.* **латифа.** 2. *кит.* нозукиҳо, борикиҳо. 3. лутфу марҳамат.

**ЛАТОИФУЛҲИЯЛ** *а.* لطائف‌الحيل *кит.* макру ҳилаҳои нозук.

**ЛАТОФАТ** *а.* لطافت 1. латифӣ, назокат, нозукӣ, зарифӣ. 2. зебоӣ, раъноӣ: **латофати субҳи баҳорӣ, ҳусну латофати духтар, ҳусну латофати фасли сол.**

**ЛАТРА** لتره *кит., кҳн.* пора-пора, дарида.

**ЛАТТА** لتّه 1. қисме аз матоъ; як порча матоъ аз либос ё ягон чизи кӯҳнаи аз кор баромада: **ба латта бастан, бо латта пок кардан**; **латтаи кӯҳна** *ниг.* **латтакӯҳна; латтаи оҳорӣ** а) порчаи оҳордор, матое, ки барои шах ва ҷилодор шудан ба он оҳор молидаанд ё ба оби оҳордор андохта гирифтаанд; б) *маҷ.* матои нав; **латтаи софӣ** матое, ки бо он чизҳои обакиро аз чирку дурд *ва г.* соф мекунанд, порча барои полудани моеот. 2. *маҷ.* одами аз ҳад зиёд мулоимтабиату сустирода; ⌑ **латтаи касе ба (бар) об афтидан** а) сирри касе фош шудан; б) расвову шарманда гардидан.

**ЛАТТАБАНД** لتّه‌بند бо латта басташуда; **латтабанд кардан** бо латтае бастан (*мас.*, *даҳони сатилро*).

**ЛАТТАГИН//ЛАТТАГӢ** لتّگين//لتّگى он чи ба латта марбут ё аз латта дӯхта шудааст.

**ЛАТТАКӮҲНА** لتّه‌كهنه латтаи фарсуда ва нодаркор; либос ва дигар чизҳои кӯҳнаи бекора.

**ЛАТТАПАРАСТ** لتّه‌پرست зан ё марде, ки ба либоспӯшӣ ва умуман ба сару либос аз ҳад зиёд аҳамият медиҳад.

**ЛАТТАПЕЧ** لتّه‌پيچ он чи ба латта печонда шудааст; **латтапеч кардан** бо латта печонидан.

**ЛАТТАПОРА** لتّه‌پاره порчае аз матои кӯҳнаву нодаркор, латтакӯҳна; лахтак.

**ЛАТТА-ПУТТА** لتّه‌پته либос ва дигар чизҳои кӯҳнаи бекора ё камарзиш.

**ЛАТТАХОР** لتّه‌خوار *бот.* навъи алафи бегона, ки одатан дар ғаллазор мерӯяд ва баргу пояи сабзу сафедчатоби нарми хордор ва гули сабадаки бунафшу сурхранг дорад.

**ЛАТХОРА** لت‌خواره он ки зарбаҳоро тоқат ва таҳаммул мекунад.

**ЛАТХӮРӢ** لت‌خورى зарбхӯрӣ, садама дидан.

**ЛАТХӮРДА** لت‌خورده *сифати феълии замони гузашта аз* **лат хӯрдан**; зарбахӯрда, садамадида.

**ЛАТХӮРДАГӢ** لت‌خوردگى *шакли дигари сифати феълии замони гузашта аз* **лат хӯрдан: латхӯрдагиҳои бадан.**

**ЛАФ(Ф)** لف печониш дар шакли лӯла, лӯлакорӣ; **лаффу нашр** *адш.* дар шеър ё наср дар як қатор омадани чанд калима (*мас.*, *исм*), ки дар паси онҳо калимаҳои муносибашон (*мас.*, *сифатҳо ё феълҳояш*) мутаносибан ба ҳамон миқдор оварда мешаванд.

**ЛАФЕТ** *олм.* لفت *ҳ.* маснади тӯп, аробаи тӯп, пояи тӯп.

**ЛАФЗ** *а.* لفظ 1. гапе, ки аз даҳон мебарояд, сухан, калом, гап. 2. *гуфт.* забон, лаҳҷа; **лафзи қабеҳ** сухани зишт, гапи ганда; дашном; **лафзи бад доштан** бадгап будан, дуруштсухан будан; **лафз ба лафз** калима ба калима, ҳарф ба ҳарф, таҳтуллафз; ◊ **аз лафзи худ гаштан** аз қавли худ гаштан; аҳдшиканӣ кардан.

**ЛАФЗАН** *а.* لفظاً даҳонакӣ, ба таври шифоҳӣ.

**ЛАФЗБОЗ** لفظ باز *ниг.* **суханбоз**.

**ЛАФЗБОЗӢ** لفظبازى суханбозӣ, сухан-пардозӣ (*ба маънӣ кам аҳамият дода*); сафсатагӯӣ.

**ЛАФЗӢ** لفظى шифоҳӣ, даҳонакӣ; **адабиёти лафзӣ** адабиёти даҳанакӣ, фолклор; **санъати лафзӣ** *адш.* яке аз ду санъати бадеӣ, ки зебоии суханро ба мадди аввал мегузорад.

**ЛАФИФ** *а.* لفيف *ниг.* 1. дарҳампечида. 2. *маҷ.* ҳамроҳ, дӯсти холис.

**ЛАФЧ//ЛАФҶ** لفچ//لفج *кит.* 1. лаби ғафси овезон

мисли лаби шутур. 2. гӯштпораи беустухон.

**ЛАФЧА//ЛАФҶА** لفچه//لفجه *ниг.* **лафч.**

**ЛАФЧАН** لفچن *кит.* одами лабғафс.

**ЛАФҶ** لفج *ниг.* **лафч**.

**ЛАФҶА** لفج *ниг.* **лафча**.

**ЛАХА** لخه кӯҳна, кафши кӯҳна, ки дар пой намеистад.

**ЛАХА-ЛАХА** لخه‌لخه *гуфт.* кӯҳнаи ҷиғда-ҷиғда, дарида; **кӯрпаи лаха-лаха** кӯрпаи кӯҳнаи даридагӣ.

**ЛАХ-ЛАХ** لخلخ *шакли кӯтоҳшудаи* **лахт-лахт;** тамоман порашуда ва дарида.

**ЛАХЛАХА** لخلخه *кит.* хушбӯиҳои омехта (*аз мушку анбар ва г.*).

**ЛАХТ I** لخت пора, ҳисса, қитъа, тикка; **лахте** а) порае, қисме, қитъае аз чизе; б) *кит.* нафасе, даме, лаҳзае; **лахти ҷигар** порае аз ҷигар; ҷигарпора; *муқ.* **хуни ҷигар; лахт-лахт** а) порапора, тикка-тикка; б) *кит.* кам-кам, андакандак; **лахти ҷон** *кинoя аз* шахси ниҳоят азиз; **лахти хун гардидани ҷигар** ҷигархун шудан аз дарду алам; гирифтори ғами сахту мусибат шудан.

**ЛАХТ II**لخت *кит.* шашпар, гурз, лат; **лахти Рустам** гурзи Рустам.

**ЛАХТА** لخته порчаи хурде аз чизе, тикка, пора; **лахтаи хун** хуни баста, хуни хушкшуда; **лахта-лахта** а) порча-порча; б) лӯнда-лӯнда (*оид ба хун*); **лахта кардан** ба порчаҳои хурд мубаддал кардан, тика-тика кардан.

**ЛАХТАК** لختک пораи баъд аз либосбурӣ мондаи матоъ, қуроқ.

**ЛАХТАШАВӢ** لخته‌شوی ғафс шудани хун.

**ЛАХЧА** لخچه 1. оташпора, ахгар; қисми баъд аз шӯъла зада сӯхтан сурхшудамондаи ҳезуму ангишт; **лахча барин // лахчаи оташ барин** сурхи ба ранги лахчаи оташ монанд. 2. *маҷ.* қисми насӯхта сиёҳшудамондаи ангишту ҳезум, чуғ.

**ЛАХЧАВОР** لخچه‌وار мисли лахча.

**ЛАХЧАК//ЛАХШАК** لخچک//لخشک оши хамираш порча-порчаи чоргӯша буридашуда, туппа.

**ЛАХШ** لخش 1. лағз, лахшидан, лағзидан. 2. *гуфт.* захм.

**ЛАХША** لخشه *гуфт.* захм.

**ЛАХШИДА** لخشیده *сифати феълии замони гузашта аз* **лахшидан;** рахшида, дурахшида, тобида.

**ЛАХШИДАН I** لخشیدن *ниг.* **лағҷидан.**

**ЛАХШИДАН II** لخشیدن рахшидан, дурахши-дан.

**ЛАХШИШ** لخشیش *ниг.* **лағжиш**.

**ЛАХШОН** لخشان навъи ширинӣ.

**ЛАҲ** له *кит.* 1. шароби ангур. 2. бӯй.

**ЛАҲА** لهه василаи рӯзгузаронӣ, василаи гузарони зиндагӣ, маҳола.

**ЛАҲАБ** *а.* لهب *кит.* забонаи оташ, шӯълаи оташ.

**ЛАҲАД** *а.* لحد шикофи таги гӯр, ки мурдаро ба он ҷо мегузоранд; гӯр, қабр; ⌑ **аз гаҳвора то лаҳад** аз тифлӣ то охири умр; як умр; **хоки лаҳадро бахшидан** дар мавриди таъкид кардани ниҳояти хасисии касе ба кор мебаранд.

**ЛАҲВ** *а.* لهو он чи ки кас худро бо он андармон мекунад, мояи саргармӣ ва бозӣ; **лаҳву лаъб** шӯхию бозӣ.

**ЛАҲЗА** *а.* لحظه 1. фурсати як бор нигоҳ кардан, миқдори вақте, ки ба як чашм ба ҳам задан баробар аст, дам, он, сония; ваҳла, ламҳа. 2. вақти воқеъ шудани амале, мавриди рӯй додани воқеа; вақт, замон, гоҳ, асно, ҳангом; **лаҳза(ҳо)и дидор** фурсати андаки мулоқот ва хотирае аз он; **лаҳза(ҳо)и дарс** ҷузъҳои дарс, қисмҳое, ки мундариҷаи дарсро ташкил медиҳанд. 3. *нав.* ягон ҷиҳати ҳодиса ё шароите: **лаҳза(ҳо)и манфӣ, лаҳза(ҳо)и мусбат; лаҳзаи аввал** дар ибтидо, сараввал; **ин лаҳза** ин дам, ин вақт, дар ин асно; **ҳамон лаҳза** фавран, дарҳол; **ҳар лаҳза** ҳар дам; ҳама вақт, мудом; **чанд лаҳза** як муддати кӯтоҳ; **ягон лаҳза** як лаҳза ҳам, муддати хеле кам; **як лаҳза** а) як дам, муддати кӯтоҳе; б) *маҷ.* ҳеҷ гоҳ; **лаҳза ба лаҳза** а) дам ба дам, ҳар лаҳза, ҳар замон; зуд-зуд, тез-тез; б) сония ба сония, торафт; **аз лаҳзаи нахустин** аз сонияи нахустин; аз ибтидо; **дар лаҳзаи...** дар вақти..., дар асной...

ҳангоми…, ҳини….; **(дар) лаҳзаи аввал** дар нахустин сония; дар ибтидо; **пас аз лаҳзае** пас аз андак вақт, муддати зиёде нагузашта.

**ЛАҲЗАВӢ** لحظوی *марбут ба* **лаҳза,** зудгузар.

**ЛАҲЗАШУМОРӢ** لحظه‌شماری 1. шумурдани лаҳзаҳо. 2. *мач.* бошиддат интизорӣ кашидан, беҳад интизор шудан.

**ЛАҲИБ** *а.* لهیب *кит.* гармии оташ ва ё шӯълаи бедуди он, забонаи оташ.

**ЛАҲИМ** *а.* لحیم *тех.* бо танакор (бӯра) тоза карда, қалъагӣ ё хӯлаи обшуда давонда, пайванд кардани филизот ё маҳкам кардани сӯроххо дар асбобҳои филизӣ.

**ЛАҲИМКАШ** لحیم‌کش *тех.* асбобе, ки дар оташи лампаи лаҳимкорӣ тафсонда бо он лаҳимкорӣ мекунанд.

**ЛАҲИМКОР** لحیم‌کار он ки олоту асбобҳои филизиро ба тариқи лаҳим пайваст ё сӯрохгирӣ мекунад.

**ЛАҲИМКОРӢ** لحیم‌کاری амали ба тариқи бо лаҳим пайваст кардани филизот ё маҳкам кардани сӯрохи асбоби филизӣ; касбу кори лаҳимкор.

**ЛАҲИМХӮРДА** لحیم‌خورده лаҳимзада, ҷӯшхӯрда.

**ЛАҲИФ** *а.* لحیف намадзин.

**ЛАҲМ** *а.* لحم гӯшти беустухон; **забон гӯшти лаҳм аст** *(мақ.).*

**ЛАҲМӢ** لحمی гӯштӣ; фарбеҳ, чоқ.

**ЛАҲН** *а.* لحن 1. оҳанги гуфтор; овоз. 2. нағма, оҳанг, наво.

**ЛАҲНАК** لحنک овоз ва нағмаи зариф.

**ЛАҲФ** *а.* لحف дареғ, андӯҳ, таассуф, ҳасрат.

**ЛАҲҶА** *а.* لهجه 1. тарзи сухан гуфтан ва талаффузи хоси як маҳал. 2. *збш.* навъи забони гуфтугӯии умумихалқӣ, ки дар ҳудуди муайян муоширату мубодилаи афкори мардум бо он сурат мегирад, шева, диалект; **лабу лаҳҷа карда** чарбзабонӣ карда, гапдонӣ карда.

**ЛАҲҶАВӢ** لهجوی *мансуб ба* **лаҳҷа**; хоси лаҳҷа, шевагӣ; **унсурҳои лаҳҷавӣ** калимаю ибора, хусусияти фонетикӣ ва ғайраи хоси ягон лаҳҷа, диалектизмҳо.

**ЛАҲҶАГӢ** لهجگی *ниг.* **лаҳҷавӣ**.

**ЛАҲҶАШИНОС** لهجه‌شناس *збш.* мутахассис ва олими забоншинос, ки оид ба лаҳҷаву шева тадқиқот мебарад.

**ЛАҲҶАШИНОСӢ** لهجه‌شناسی *збш.* илм оид ба омӯхтани лаҳҷаҳои забон, диалектология.

**ЛАЧАК** لچک 1. рӯмоли хурди сегӯшае, ки занҳо ба сар ё гардан мебанданд. 2. пардаи овезони зери гардани баъзе парандаҳо: **лачаки хурӯс.**

**ЛАЧ** لچ *кҳн.* лагаде, ки пушти по мезананд.

**ЛАҶ(Ҷ)** *а.* لج лаҷоҷат, ситеза, якравӣ, якраҳа-гӣ.

**ЛАҶАН** لجن сиёҳлой, лойқа.

**ЛАҶОМ** لجام *муарраби* **лагом//лигом**; афзоре, ки вақти саворӣ ба сару даҳони асп меандозанд (*барои идора кардани рафтори асп*), ҷилав, инон: **лаҷоми нӯкракӯб** *ё* **тиллокӯб, лаҷоми зулфдор, лаҷомро кашидан, лаҷомро сар додан, лаҷом хоидани асп; лаҷом задан** а) ба сару даҳони асп лаҷом андохтан; б) *мач.* касеро ба худ мутеъ кардан; ◊ **лаҷоми** *касеро* **сар дода мондан** касеро дар кору рафтор ба ихтиёри худ вогузоштан, касеро ба сари худ мондан; **лаҷоми худро ба дасти** *касе* **додан** ихтиёри худро ба дасти касе додан, мувофиқи раъй ва нишондоди дигаре кор кардан; **лаҷоми** *касеро* **кашида мондан** касеро дар бораи ягон рафтор ё кирдори ношоямаш огоҳонидан; **лаҷоми суханро ба тарафи дигар тофтан** мавзӯи гапро дигар кардан.

**ЛАҶОМАК** لجامک *кит.* кафидагии кунҷи лаби инсон.

**ЛАҶОМГУСАСТА** لجام‌گسسته *ниг.* **лаҷомгусехта**.

**ЛАҶОМГУСЕХТА** لجام‌گسیخته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **лаҷом гусехтан**; аспе, ки лаҷомашро пора кардааст. 2. *мач.* одами бетартибу беинтизом, одами худсар.

**ЛАҶОМГУСЕХТАГӢ** لجام‌گسیختگی 1. *шакли дигари сифати феълии замони гузашта аз* **лаҷом гусехтан**; вазъ ва ҳолати лаҷомгусехта, афсоргусехта будан. 2. *мач.* аз ҳадди худ фаротар по гузоштан, бебандуборӣ.

**ЛАҶОМДӮЗ** لجام‌دوز он ки кору шуғлаш дӯхтани

лаҷом аст, сарроҷ.

**ЛАҶОМЗАДА** لجام‌زده *сифати феълии замони гузашта аз* **лаҷом задан; аспи лаҷомзада** аспи лаҷомдори омодаи саворӣ.

**ЛАҶОМНОПАЗИР** لجام‌ناپذیر 1. лаҷомнашуданӣ (*асп*), саркаш. 2. он ки ё он чи ҳеҷ гуна қонуну қоидаро намепазирад.

**ЛАҶОҶ** *а.* لجاج 1. ситезакорӣ; якраҳагӣ, инод. 2. аз ҳад гузаронидан дар гуфтан ва кардани коре, ифрот; **лаҷоҷ додан** кашол додан.

**ЛАҶОҶАТ** *а.* لجاجت напазируфтани сухани дуруст ва мантиқӣ, якроҳагӣ, хирасарӣ.

**ЛАҶҶОРА** *а.* لجاره *кит.* ҷангара, арбадаҷӯй.

**ЛАШ I** لش *кит.* 1. *ниг.* **лоша**. 2. *маҷ.* танбал, беғайрат. 3. *гуфт.* суст, беқувват; **лаш кардан (ё намудан)** сусту беқувват кардан. 4. ҷасади забҳшуда ва пӯсткардаи ҳайвон.

**ЛАШ II** لش **:лашу луш** *гуфт.* чизу чораи одатан бекора; майда-чуйдаи рӯзгор, лоқу пар.

**ЛАШКАР** لشکر тамоми қувваҳои мусаллаҳи давлат, сипоҳ, қӯшун, артиш: **лашкари душман, лашкари ғоратгар, лашкари инқилоб, лашкари коргар, лашкари пиёда, лашкари фатҳу зафар, лашкари сулҳ, сардори лашкар, лашкар ҷамъ кардан, лашкареро шикаст додан, шикаст хӯрдани лашкаре**; *ба таври истиора*: **лашкари зимистон рафт, лашкари хоб аз дида гурехтан, бар лашкари ғам хуҷум овардан, мулки дилро гирифтани лашкари ғам**; **лашкари халқӣ** сипоҳе, ки дар замони ҷанг барои мадад расондан ба қувваҳои мусаллаҳ аз ҳисоби одамони аз ӯҳдадории ҳарбӣ озод ташкил меёбад; **лашкари ҷаррор** а) лашкари сершумор, анбӯҳи лашкар; б) *маҷ.* лашкари далер; **лашкар кашидан** бо лашкар ба қасди ҷанг равона шудан.

**ЛАШКАРГОҲ** لشکرگاه ҷои исти муваққат ё доимии лашкар, урдугоҳ.

**ЛАШКАРӢ** لشکری 1. *мансуб ба* **лашкар**. 2. ҳар кадом аз аҳли лашкар, ҳарбӣ, сипоҳӣ; сарбоз.

**ЛАШКАРКАШ** لشکرکش сардори лашкар, сарқарда.

**ЛАШКАРКАШӢ** لشکرکشی ба ҷанг бурдани лашкар, сипаҳсолорӣ; ҳуҷум.

**ЛАШКАРШИКАН** لشکرشکن шикастдиҳандаи лашкар, марди шуҷои лашкаршикоф, ки бар қалби лашкари душман ҳамла оварда, ба ӯ зарбаи ҳалокатовар медиҳад.

**ЛАШКАРШИКАНӢ** لشکرشکنی амали лашкаршикан; шикастан ва пароканда кардани лашкар.

**ЛАШКАРШУКУФ** لشکرشکوف *кит.* шуҷоъ, диловар.

**ЛАЪБ** *а.* لعب бозӣ; **лаҳву лаъб** *ниг.* **лаҳв.**

**ЛАЪБГАР** لعب‌گر бозингар; фусунгар, найрангбоз.

**ЛАЪЛ** لعل (*муарраби* **лол**). 1. *маъд.* яке аз сангҳои қиматбаҳои сурх аз ҷинси ёқут; **лаъли Бадахшон** яке аз навъҳои аълои лаъл, ки дар кӯҳистони Бадахшон ёфт мешавад. 2. *маҷ.* сурх, ба ранги сурх; **лаби лаъл** лаби сурхранг. 3. *маҷ.* лаби лаългуни маъшуқа: **ба таври истиора: лаъли лаб, лаъли сухангӯ, лаъли рӯҳафзо, лаъли хандон, лаъли ҷонбахш, лаъли шакарбор**...; **ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад.** (*зарб.*); **лаъл ба даст омадан** комёб шудан, ба мақсад расидан.

**ЛАЪЛАК** لعلک *кит., тиб.* бемории сӯхтанӣ.

**ЛАЪЛВАШ** لعل‌وش лаълмонанд, лаълосо.

**ЛАЪЛГАР** لعل‌گر бо лаъл ороишдиҳанда.

**ЛАЪЛГУН** لعل‌گون чун лаъл, сурх: **шароби лаългун.**

**ЛАЪЛГУНА** لعل‌گونه 1. он чи ба лаъл монанд аст, лаълранг, лаълмонанд. 2. *маҷ.* шоду масрур, фурӯзон, рӯҳбаланд.

**ЛАЪЛИЧА** لعلیچه 1. лаълии хурд. 2. *мус., ниг.* **санҷ**.

**ЛАЪЛӢ I** لعلی 1. зарфи паҳни лабадори филизӣ барои овардани зарфҳо ё гузоштани меваҳои хушк ва қанду курс дар рӯи дастархон ва ё барои бурдани хӯрокиҳо ба ҷое; **лаълию дастархон** *кинояз аз* дастовезе иборат аз кулчаю мева ва қанду курс. 2. *мус., ниг.* **санҷ**.

**ЛАЪЛӢ II** لعلی *кит.* 1. *мансуб ба* **лаъл**. 2. ба ранги лаъл, лаългун, сурх.

**ЛАЪЛҚАНД** لعلقند ширинлаб, сурхлаби ширингуфтор (*сифати маҳбуба*).

**ЛАЪЛОШОМ** لعلآشام *кит.* 1. майошом, майхӯр. 2. *киноя аз* хуношом, хунхор.

**ЛАЪЛФОМ** لعلفام *ниг.* **лаългуна** 1.

**ЛАЪН** لعن **:таъну лаън** таънаву нафрат.

**ЛАЪНАТ** *а.* لعنت дуои бад; бадгӯӣ, изҳори нафрат; **лаънат ба…** таъбири дашном, ки дар мавриди изҳори нафрату мазаммати сахт ба касе ё чизе гуфта мешавад; **таънаву лаънат** маломату нафрат; **лаънат кардан // лаънат фиристодан // лаънат хондан** нафрин гуфтан, изҳори нафрату дашном кардан.

**ЛАЪНАТӢ** لعنتی *мансуб ба* **лаънат**; лаънаткарда, малъун; сазовори лаънат: **адӯи лаънатӣ, рашки лаънатӣ, саги лаънатӣ, ҷонвари лаънатӣ**.

**ЛАЪНАТКАРДА** لعنت‌کرده *ниг.* **лаънатӣ**.

**ЛАЪНАТНОМА** لعنتنامه навиштае, ки дар бораи лаин будани касе далолат мекунад, номаи лаънат.

**ЛЕВЛАНГ** ليولنگ *кит.* дӯғи хушкшуда, қурут, кашк.

**ЛЕГАЛӢ** ليگلی барои фаъолияти ошкоро иҷозат додашуда, қонунӣ шинохташуда, *муқоб.* **пинҳонӣ**: **ҳизби легалӣ, легалӣ шудан (гардонидан)**.

**ЛЕГИОН** *лот.* ليگيان 1. номи қисмҳои махсуси ҳарбӣ ва политсия дар баъзе мамлакатҳо. 2. *таър.* номи қисми ҳарбӣ дар Рими қадим.

**ЛЕЗАК** ليزک *варз.*, *нав.* ҷиҳози варзишӣ, ки ба пой баста, бо вай дар рӯи барф ва ях ҳаракат мекунанд; лижа.

**ЛЕЗГИН** ليزگين *ниг.* **лазгӣ** 2.

**ЛЕЗИДАН** ليزيدن *ниг.* **лағжидан**.

**ЛЕЙБОРИСТ** *англ.* ليبارست узви ҳизби лейбористӣ.

**ЛЕЙБОРИСТӢ** ليبارستی ҳизби коргариест дар Инглистон ва баъзе давлатҳои дигар, ки сиёсати ислоҳоти созишкоронаро пеш мебарад: **ҳизби лейбористӣ**.

**ЛЕЙКОТСИТ** *ю.* ليکاتسيت *биол.* яке аз қисмҳои таркибии хун, ки аз ҳуҷайраҳои сафедтоби ҳаракатдор иборат мебошад.

**ЛЕЙТЕНАНТ** *фр.* ليتننت *ҳ.* унвони афсари хурд дар қувваҳои мусаллаҳ; **лейтенанти калон** дараҷаи сеюми унвони афсарӣ; **лейтенанти хурд** дараҷаи аввали унвони афсарӣ.

**ЛЕЙТЕНАНТӢ** ليتننتی *мансуб ба* **лейтенант**.

**ЛЕК** ليک *шакли кӯтоҳи* **лекин**.

**ЛЕКИН** ليکن *пайвандаки хилофӣ* 1. аммо, вале, лекин. 2. бо вуҷуди ин; дар баробари ин.

**ЛЕКСИКА** *ю.* ليکسيکه *збш., ниг.* **вожагон**.

**ЛЕКСИКӢ** ليکسيکی *збш. мансуб ба* **лексика**; вожагонӣ, луғавӣ.

**ЛЕКСИКОГРАФИЯ** *ю.* ليکسيکاگرفيه *збш., ниг.* **фарҳангнигорӣ.**

**ЛЕКСИКОЛОГИЯ** *ю.* ليکسيکالاگيه *збш., ниг.* **вожашиносӣ**.

**ЛЕКСИЯ** *лот.* ليکسيه баёни лафзии ягон мавзӯи таълимӣ ё илмию сиёсӣ; маърӯза; суханронӣ; **лексияи оммавӣ** шакли тарғиб ва паҳн кардани донишҳои сиёсӣ ва илмӣ дар муссисаҳои фарҳангию маърифатӣ; **лексияи таълимӣ** яке аз шаклҳои таълим ва усулҳои тадрис дар мактабҳои олӣ.

**ЛЕКТОР** *лот.* ليکتار *ниг.* **маърӯзакунанда**.

**ЛЕЛА(К)** ليلک//ليله *гуфт., ниг.* **ангушт**.

**ЛЕНТА** *олм.* لينته 1. матои нафиси паҳни тасмамонанд, ки барои ороиши либос ва мӯи сари занону духтарон ба кор мебаранд. 2. *ниг.* **навор**; ҳар чизи шабеҳи навор: **лентаи оиқ; лентаи сабти овоз.**

**ЛЕПТОП** *англ.* ليپتاپ навъи компютери сабук, батареядор, ки ба сурати кифи хурд сохта шудааст, ноутбук.

**лес** ليس 1. *асоси замони ҳозира аз* **лесидан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* лесанда: **косалес, табақлес…**

**ЛЕСАК** ليسک *зоол.* тӯқумшуллук, ҳалазун: **кирми лесак; мӯрчаи лесак** мӯрчаи хурд.

**ЛЕСАНДА** لیسنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **лесидан**; он ки ё он чи ки чизеро мелесад.

**ЛЕСИДА** ليسيده *сифати феълии замони гузашта*

*аз* **лесидан**; **лесида-лесида** дар ҳолати лесидан, лесида истода; **лесида рафтан** андак расида гузаштан; ◊ **хок лесида** *сифати феълии замони гузашта аз* **хок лесидан**; **гурба барин лесида калон кардан** касеро аз ҳад зиёд эҳтиёт ва ғамхорӣ карда, ба воя расонидан; **хоки мадрасаро лесида баромадан** азобу машаққати мадрасаро аз сар гузаронидан, гарди мадрасаро хӯрдан.

**ЛЕСИДАН** لیسیدن 1. бо забон молидани чизе, бо забон молида пок кардани чизе: **ангушт лесидан, лабро лесидан, табақро лесидан**. 2. расида гузаштан. 3. *маҷ.* хӯрдан; хӯрда нобуд кардан; ◊ **таги табақи** *касеро* **лесидан** бар дари кас хизматгорӣ кардан; **хок лесидан** гуруснагӣ кашидан; ба сахтӣ рӯз гузаронидан; **хоки замини сиёҳро лесидан** *ниг.* **хок лесидан.**

**ЛЕСОЛЕС** لیسالیس зиёд лесидани чизе.

**ЛЕСОН(И)ДАН** لیساندن//لیسانیدن *тарзи бавоситаи феъли* **лесидан**; ба лесидан водор кардан, маҷбур ба лесидан кардан.

**ЛЕТАРГИЯ** *ю.* لیترگیه *тиб.* бемории хоболудӣ; хоби сакта.

**ЛЁТЧИК** *р.* لیاتچیک *ниг.* **фазонавард.**

**ЛИБЕРАЛ** *лот.* لیبیرل пайрав ё тарафдори либерализм; узви ягон ҳизби либералӣ.

**ЛИБЕРАЛИЗМ** *лот.* لیبیرلیزم назария ва ҷараёни сиёсӣ, ки тарафдорони сохти парламентӣ ва озодии номаҳдуди демократию буржуазиро муттаҳид мекунад.

**ЛИБОС** *а.* لباس пӯшок, пӯшиданӣ, танпӯш, он чи ба тан мепӯшанд: **либоси арӯсӣ (домодӣ), либоси варзишӣ, либоси занона (бачагона), либоси дарида, либоси мотам, либоси нав, либоси пахтадор, либоси сабук, либоси сиёҳ, либоси низомӣ, либос дӯхтан, либос пӯшидан, либос кашидан, либос шустан, тағйири либос кардан,** *ба таври истиора:* **либоси ғам пӯшидан, либоси идона пӯшидан, либоси сабзро ба бар кардани саҳро, либоси сиёсӣ пӯшонидан ба гапи** *касе*, **дар либоси сухан ифода ёфтани фикре; либоси атлас** куртаю лозимии аз матои атлас дӯхташуда; **либоси корӣ** либосе, ки дар вақти кор мепӯшанд; **либоси расмӣ** либоси аз ҷиҳати дӯхт ва ранг якхела (-и ҳарбиён, кормандони мақомоти қудратӣ, талабаю донишҷӯёни баъзе таълимгоҳҳо); **либоси рӯ** либосе, ки аз болои либосҳои дигар мепӯшанд (*аз қабили* ҷома, палто, боронӣ); **либоси таг** он чи дар зери куртаю шалвор, яъне ба рӯи бадан мепӯшанд, тагпӯш; **либоси хонагӣ** поҷомаву хилъат ва дигар либос, ки хоси дар хона пӯшидан аст; ◊ **ба либоси** *касе* **кайк даромадан** *ниг.* **пӯстин (ба пӯстини** *касе* **кайк даромадан); одаму либос, хонаву палос** (*зарб.*) одамро либос ва хонаро палос зинат дода, назаррабо мегардонад, зеби одам либос бошад, зеби хона палос аст.

**ЛИБОСБУР** لباس‌بر устое, ки андоза гирифта, матоъро бурида, барои либосдӯзӣ омода мекунад, бурандаи либос.

**ЛИБОСБУРӢ** لباس‌بری 1. *мансуб ба* **либосбур**: **коргоҳи либосбурӣ**. 2. шуғл ва касби либосбур.

**ЛИБОСВОР** لباس‌وار матои муносиби либосдӯзӣ; **як либосвор**… миқдори матоъ, ки аз он ягон либос (*мас.*, *куртаву лозимӣ*) дӯхтан мумкин аст.

**ЛИБОСВОРӢ** لباس‌واری матоъҳое, ки аз онҳо либос дӯхта мешавад.

**ЛИБОСДОР** لباس‌دار ҷомадор, он ки ба тан либос дорад.

**ЛИБОСДӮЗ** لباس‌دوز дӯзанда, хайёт, дарзӣ.

**ЛИБОСДӮЗӢ** لباس‌دوزی *исми амал аз* **либос дӯхтан**; шуғл ва касби либосдӯз; хайётӣ: **устохонаи либосдӯзӣ**.

**ЛИБОСКАШӢ** لباس‌کشی *исми амал аз* **либос кашидан; хонаи либоскашӣ** хона барои тағйири либоси варзишгарон, шиноварон *ва ғ.*

**ЛИБОСҚАПАК** لباس‌قپک *гуфт.* қапак барои либоси шустаро доштан (*то ин ки ба замин наафтад*).

**ЛИБОСОВЕЗАК** لباس‌آویزک тахтаи мехзада ё сепояи чангакдори махсус барои овехтани либос ва каллапӯшҳо.

**ЛИБОСПӮШӢ** لباس‌پوشی 1. *исми амал аз* **либос пӯшидан.** 2. тарзи пӯшидани либос, чӣ хел пӯшидани либос.

**ЛИБОСФУРӮШӢ** لباس‌فروشی он ҷо, ки либос

мефурӯшанд: **мағозаи либосфурӯшӣ**.

**ЛИБОСХОНА** لباس‌خانه хонаи махсус дар биноҳои ҷамъиятӣ барои нигоҳ доштани либосҳои рӯ, ҷолибос, ҷомахона.

**ЛИБОСШӮЙ** لباس‌شویی *исми амал аз* **либос шустан**; *ниг.* **ҷомашӯӣ**.

**ЛИБРЕТТО** *ит.* لبریتّا *санъ.* матни асари калони мусиқӣ (*опера, оперетта*), ки сароида мешавад; мазмуни мухтасари опера, балет *ва г.*

**ЛИВО** *а.* لوا байрақ, алам, парчам: **дар зери ливои..., ливои дӯстӣ афроштан, ливои зафар афроштан, ливои истиқлол афроштан**.

**ЛИВОТА** *а.* لواطه бачабозӣ, амрадбозӣ.

**ЛИВОТАГАР** لواطه‌گر бачабоз, амрадбоз.

**ЛИГА I** *фр.* لیگه 1. иттифоқ, иттиҳод; маҷмаъ: **Лигаи Миллатҳо** (*таър.*), **Лигаи давлатҳои араб.** 2. *варз.* чанд дастае, ки дар мавсими бозиҳои варзишӣ дар гурӯҳе муттаҳид карда шудаанд: **лигаи олӣ, лигаи якум**.

**ЛИГА II** *ит.* لیگه *мус.* аломати камоншакли нотавӣ, ки пайвастагии нотаҳоро нишон медиҳад.

**ЛИГАТУРА** *лот.* لیگتوره *збш.* шакли пайвастаи ду ё зиёда ҳарфҳо дар навишт (*мас.*, *ҳарфҳои дар як ҷо навишташудаи кофу алиф ва г. дар хати арабӣ*).

**ЛИҒОЯТ** *а.* لغایت ба шумули..., то худи..., то ҳадди...

**ЛИДЕР** *англ.* لیدر 1. сарвар, роҳбар. 2. *варз.* пешсафи мусобиқа.

**ЛИЖА** *р.* لیژه асбоби чӯбӣ ё оҳанине, ки ба таги по баста, бо ёрии ду чӯбдасти дарози асомонанд худро тела дода, дар рӯи барф лағжида роҳ мегарданд, лезак.

**ЛИЖАРОНӢ** لیژه‌رانی *варз.* бо лижа роҳ гаштан дар рӯи барф; *ниг.* **лижатозӣ**.

**ЛИЖАТОЗ** لیژه‌تاز он ки дар рӯи барф бо лижа медавад.

**ЛИЖАТОЗӢ** لیژه‌تازی *варз.* навъе аз варзиши зимистонӣ, ки дар он варзишгарон рӯи барф бо лижа лағжида медаванд, лижаронӣ.

**ЛИКЁР** *фр.* لکیار нӯшокии ширину хушбӯй, ки аз спирту шираи мевае тайёр мекунанд.

**ЛИККАС** لکّس *ниг.* **лик-лик; ликкас кардан** парида гаштан, ҷаҳида гаштан; **ликкас карда омадан** *маҷ.* зуду ногаҳон омадан ба ҷое.

**ЛИККОНДАН** لیکاندن ҷунбондан (*думро*).

**ЛИКЛИК** لیک لیک *гуфт.* чӯбаки ба зери дӯли осиё баста, ки ба рӯи санг расида, бо гардиши санг ларзида, боиси муттасил аз дӯл поин рехтани гандум мегардад.

**ЛИК-ЛИК** لکلک 1. *калимаи тақлиди овози* ҷунбидани чӯби зери дӯли осиё дар вақти гардиши санг. 2. *калимаи тасвирӣ* тарзи думҷунбонии саг *ва г.*

**ЛИҚ** لق *гуфт.* пур; лаболаб, саршор: **лиқ пур будан** ниҳоят пур будан; **лиқ одам будан** ниҳоят пур аз одам будан, воқеъ гаштани одамони хеле зиёд дар ҷое; **чашми** *касе* **лиқи об шудан** чашми касе пур аз ашк шудан (*ҳолати пеш аз гиристан*).

**ЛИҚҚА** لقّه *ниг.* **лиққонак**.

**ЛИҚҚИДА** لقّیده *гуфт. сифати феълии замони ҳозира аз* **лиққидан**; ҷунбондан.

**ЛИҚҚИДАН** لقّیدن *гуфт.* ҷунбидан (-и ягон чизи шалақ).

**ЛИҚҚОНАК** لقّانک ҷунбонак; шалақ; номаҳкам: **дандони лаққонак** дандоне, ки меҷунбад.

**ЛИҚҚОНДАН** لیقّاندن *гуфт. тарзи бавоситаи* **лиққидан**; ҷунбондан.

**ЛИҚ-ЛИҚ** لق‌لق *гуфт. калимаи тақлиди овози* ҷунбиши моеот; ◊ **лиқ-лиқ карда гаштан** базӯр гаштан; вазъияти ноустувор доштан.

**ЛИҚО** *а.* لقا рӯй, чеҳра, симо; ◊ **атояшро ба лиқояш бахшидан** барои надидани дидори одами бад аз баҳри фоидае, ки аз ӯ мерасад, гузаштан.

**ЛИМИЁ** *ю.* لیمیا *кҳн.* яке аз илмҳои асримиёнагии риёзӣ, ки бахши шумори ададҳо ба он дахл доштааст.

**ЛИМИТ** *лот.* لمیت меъёри муайян, ки дар истифода ё сарфи чизе риояи он ҳатмист.

**ЛИМОНАД** *фр.* لیماند нӯшобаи ширине, ки одатан аз оби лимӯ ва шарбати қанд тайёр карда мешавад.

мешавад.

**ЛИМӮ** لیم 1. меваи туршмазаи хушбӯй, ки дар ҷойҳои зимистонаш гарм мерӯяд. 2. дарахти ин мева.

**ЛИМӮГИЁҲ** لیموگیاه навъи дарахт аз хонаводаи лимӯҳо.

**ЛИМӮЗОР** لیموزار майдони дарахтҳои лимӯ.

**ЛИМӮПАРВАР** لیموپرور боғбоне, ки бо нигоҳубини дарахтони лимӯ ва ба даст овардани ҳосили он машғул аст; мутахассиси парвариши лимӯ.

**ЛИМӮПАРВАРӢ** لیموپروری соҳаи кишоварзӣ, ки барои парвариши дарахтони лимӯ ва гирифтани меваи он махсус гардонида шудааст; парвариши дарахти лимӯ.

**ЛИМӮРАНГ** لیمورنگ ба ранги лимӯ, ранги зарди равшан.

**ЛИМӮХОНА** لیموخانه ҷои махсуси парвариш ва нигоҳубини лимӯ (*хусусан дар кишвари обу ҳавояш барои парвариши лимӯ номусоид*).

**ЛИНГ** لنگ 1. ҳар кадом аз пойҳо аз сарпанҷа то қадкашак. 2. ҳар кадом аз ду бари чизе ё боре, ки ба ҳам баста, ҳар кадоми онро ба як паҳлуи маркаб бор мекунанд: **линги (почаи) хӯрҷин;** ◊ **линги** *касеро* **аз осмон овардан** *касеро* сахт танбеҳ додан.

**ЛИНГА** لنگه *ниг.* **халта**.

**ЛИНГВИСТИКА** *фр.* لینگویستیکه *ниг.* **забоншиносӣ.**

**ЛИНГДАРОЗ** لینگدراز он ки пойҳояш дарозанд, қадбаланд.

**ЛИНГЗАНӢ** لینگزنی задан бо лагад, ҷанг бо лагад (*дар гӯштингирӣ*), позанӣ.

**ЛИНГОФОН** *англ.* لینگافان *тех.* воситаи техникӣ барои мустақилона омӯхтани нутқи шифоҳӣ дар дарсҳои забон.

**ЛИНГЧА** لنگچه *гуфт.* тӯрбаи хурд, халта.

**ЛИНЗА** *олм.* لینزه *физ.* навъе аз шишаҳои шаффофи булӯрии оптикӣ, ки дар дурбин, дастгоҳи суратгирӣ *ва г.* истифода бурда мешавад.

**ЛИНОЛЕУМ** *лот.* لینالئوم *сохт.* матои ғафсу сахти обногузаре, ки барои пӯшондани фарши хона ба кор мебаранд.

**ЛИНОТИП** *лот.* لیناتیپ *нашр.* мошини ҳуруфчинии матбаа, ки матнро дар шакли яклухти филизӣ ба чоп тайёр мекунад.

**ЛИНТЕР** *англ.* لینتیر мошин барои ҷудо кардани тибити (нахи) пахта аз чигит; **пахтаи линтер** пахтаи пастсифат, ки аз боқимондаҳои нахи чигити тозакарда ба даст омадааст.

**ЛИП-ЛИП** لپلپ *калимаи тасвирӣ* ҳолати ниҳоят суст сӯхтани чароғ, шамъ *ва г.*; йилт-йилт, милт-милт; **лип-лип кардан** суст, канда-канда нурафшонӣ карда, сӯхтани чароғ, шамъ *ва г.*, қариб ба хомӯшшавӣ расидани чароғ; милт-милт кардан.

**ЛИРА** I *ит.* لیره воҳиди пул дар Италия, Туркия ва баъзе мамлакатҳои дигар.

**МАҲТАЛЪАТ** مه‌طلعت *ниг.* **моҳталъат**.

**МАҲТОБ** مهتاب 1. тобиши моҳ, партави моҳ. 2. Моҳ, Қамар; **шаби маҳтоб** шаби осмонаш софест, ки моҳ ҳама ҷоро равшан мекунад, шаби маҳтобӣ, маҳтобшаб: **шаб маҳтоб шудан** шаби маҳтоб шудан, аз партави моҳ равшан шудани шаб; **мо дузд шудему шаб маҳтоб** (*мақ.*).

**МАҲТОБӢ** مهتابی 1. *мансуб ба* **маҳтоб**; аз партави моҳ равшаншуда: **шаби маҳтобӣ**. 2. дар оташбозӣ як навъ мушак аст, ки дар вақти оташ гирондан шӯълаи сафед медиҳад; **чароғи маҳтобӣ** як навъ чароғ аст, ки равшании бисёр сафед медиҳад. 3. сафедранг, сафедчатоб. 4. як навъ зардолуи тунукпӯсти зарди сафедчатоб аст, ки асосан барои тархӯрӣ истифода меравад: **зардолуи маҳтобӣ**.

**МАҲТОБШАБ** مهتابشب шаби маҳтобӣ, шабе, ки маҳтоб бо нурҳои худ ҳама ҷоро равшан месозад.

**МАҲФИЛ** *а.* محفل 1. ҷамъомад; ҷамъомади дӯстон; маҷлиси базм. 2. гурӯҳи одамон, ки барои аз рӯи шавқу ҳавас машғул шудан бо касбу ҳунар ё шуғле дар вақти холиашон дар як ҷо ҷамъ омадаанд: **маҳфили адабӣ, маҳфили ҳаваскорони санъат, маҳфили олимони ҷавон**.

**МАҲФИЛОРО** محفل‌آرا *ниг.* **маҷлисоро**.

**МАҲФУЗ** *а.* محفوظ 1. ҳифзшуда, дарёддошта, азбаршуда. 2. нигоҳдошта, эмин (*мас., аз вайронӣ*); **маҳфуз доштан** бегазанд ҳифз кардан, эмин нигоҳ доштан; **маҳфуз мондан** ҳифз карда шудан, нобуд нашуда боқӣ мондан.

**МАҲҶАБИН** مهجبین моҳрӯй, маҳлиқо, хушрӯй (*сифати занон*).

**МАҲҶУБ** *а.* محجوب 1. ҳиҷобдор, дар парда, паси пардабуда; пӯшида. 2. *маҷ.* шармгин, боҳаё.

**МАҲҶУР** *а.* مهجور дар ҳаҷр буда, дурафтода, ҷудоманда (*аз ёру диёр*): **ёри маҳҷур, ошиқи маҳҷур**.

**МАҲҶУРӢ** مهجوری маҳҷур будан, ҷудоӣ, дурӣ, ҳиҷрон, фироқ.

**МАҲШАР** *а.* محشر 1. ҳашргоҳ, ҷои ҷамъомади халқ, ҷои ҷамъомади одами зиёд. 2. *д.* майдони қиёмат; қиёмат, растохез; **рӯзи маҳшар** рӯзи қиёмат, арасот; ◊ **маҳшар барпо кардан** шӯру ғавғо андохтан, ҷангу ҷидол кардан.

**МАҶАҚ** مجق *гуфт.* зеркарда, пахшшуда; пачақ; ғиҷимшуда; **маҷақ кардан** а) зер (пахш) карда ё зада шакли аслии чизеро аз байн бурдан; б) пахш карда нобуд кардан; **маҷақ шудан** дар натиҷаи зер (пахш) кардан, зада ё фишурда шакли аслии худро гум кардани чизе.

**МАҶАЛЛА** *а.* مجله нашрияи даврагӣ, ки одатан моҳе як бор ба шакли китоби маҷмӯа чоп мешавад: **маҷаллаи ҳармоҳаи адабӣ**.

**МАҶАРГ** مجرگ *кит.* кори маҷбурии бемузд.

**МАҶАС(С)** *а.* مجس 1. *кит.* маҳалли ламс, ҷои палмосидан. 2. ҷои набз дар банди даст.

**МАҶБУЛ** *а.* مجبول *кит.* ҷибиллигардида, фитрӣ, сириштӣ.

**МАҶБУР** *а.* مجبور 1. он ки бо зӯрӣ ба коре водошта шудааст, он ки ба ғайри ихтиёр кореро мекунад, водор; ноилоҷ, ночор. 2. *кит., маҷ.* мутеъ, фармонбардор; **маҷбур кардан** водоштан; зӯран кореро иҷро кунондан; **маҷбур шудан** ноилоҷ мондан, ночор мондан.

**МАҶБУРАН** *а.* مجبوراً маҷбуршуда, ночор, аз рӯи ноилоҷӣ, ба таври маҷбурӣ; зӯран, иҷборан.

**МАҶБУРИЯТ** *а.* مجبوریت 1. маҷбурӣ, маҷбур шудан. 2. он чи ба ҷо оварданаш ба зимма гирифта ё ба ӯҳдаи касе гузошта шудааст; ӯҳдадорӣ, вазифадор будан.

**МАҶБУРӢ** مجبوری 1. *мансуб ба* **маҷбур**; бо зӯрӣ водоршуда, иҷборӣ, *муқоб.* **ихтиёрӣ, кори маҷбурӣ//меҳнати маҷбурӣ** коре, ки одам ба иҷрои он водор аст (*мас., бо ҳукми суд*); **маҷбурӣ кор кардан** бо ҷабру зӯрӣ кор кардан. 2. ҳатмӣ, зарурӣ: **андози маҷбурӣ, хизмати маҷбурии аскарӣ; ба таври маҷбурӣ** маҷбуран, зӯран, иҷборан.

**МАҶД** *а.* مجد *кит.* бузургӣ, бузургворӣ, шаъну шавкат.

**МАҶЗУБ** *а.* مجذوب *кит.* 1. ҷазбшуда, кашида. 2. шефта, девона, маҷнун. 3. маслаке дар тасаввуф, ки пайравони он риёзату машаққатро воситаи ба ҳақ расидан ҳисоб карда, ба зоҳир девонавор мегаштанд.

**МАҶИД** *а.* مجید *кит.* бузург, бошаъну шараф; олиқадр, баландмартаба.

**МАҶЛИС** *а.* مجلس 1. *кит.* маҳалли ҷаласа, ҷои ҷамъомад, ҷамъомадгоҳи одамон барои машварат, маслиҳат ё сӯҳбат дар бораи коре. 2. ҷамъ шуда нишастани чанд кас барои баррасию муҳокимаи чизе ё ҳалли масъалае; ҷамъомади расмии аъзои ягон созмон, ҷаласа: **маҷлиси умумии кормандон, маҷлиси фаъолони шаҳр, маҷлиси ҳисоботию интихоботии иттифоқҳои касаба, котибот ва раёсати маҷлис, маҷлис барпо кардан, маҷлис гузарондан, маҷлис даъват кардан, маҷлисро кушодан** *ё* **пӯшидан (пӯшида эълон кардан); маҷлиси ботантана** *ё* **тантанавӣ** ҷамъомади бошукӯҳ ба муносибати ҷашне ё зодрӯзи бузурге *ва г.*; **маҷлиси машваратӣ** ҷамъомади роҳбарону кормандони ягон соҳа барои муҳокимаи масъалае (*музокира дар болои масъалае*); **маҷлиси мурофиа** ҷаласаи муҳокимаи судӣ; **аҳли маҷлис** одамони дар маҷлис ҳозирбуда. 3. мақоми олии қонунбарори кишвар, парламент: **Маҷлиси Олӣ, Маҷлиси Миллӣ, Маҷлиси Намояндагон**. 4. ҷамъомади хешовандон, ҳаққу ҳамсояҳо ва дӯстон барои гузаронидани ягон маросим, маърака: **маҷлиси азо, маҷлиси никоҳ, маҷлиси хостгорӣ**; **маҷлиси ёрон** шабнишинии ёрон, маҳфили дӯстон; **маҷлиси зиёфат** меҳмондорӣ ва маҷлиси айшу нӯш; **маҷлиси подшоҳ** маҷлиси қабули подшоҳ, маҷлиси пазироии подшоҳ.

**МАҶЛИСАФРӮЗ** مجلس‌افروز *ниг.* **маҷлисоро**.

**МАҶЛИСБОЗӢ** مجلس‌بازی бисёр ва бе зарурат маҷлис (ҷаласа) барпо кардан.

**МАҶЛИСГОҲ** مجلس‌گاه *гуфт.* ҷое, ки маҷлис (ҷаласа) гузаронида мешавад.

**МАҶЛИСӢ** مجلسی 1. *мансуб ба* **маҷлис**; мавриди зарурати маҷлис. 2. он ки дар маҷлис ҳузур дорад; **маҷлисиёни дарбор**

одамони ба маҷлиси қабули дарбор ҳозиршуда, аҳли маҷлиси қабули дарбор

**МАҶЛИСҚИМОБ** مجلس‌قماب *гуфт.* он ки ба маҷлису маҷлисбозӣ нафрат дорад, он ки маҷлисро бад мебинад.

**МАҶЛИСНИШИН** مجلس‌نشین ширкаткунандаи маҷлис, аҳли маҷлис, дар маҷлис нишаста.

**МАҶЛИСОРО** مجلس‌آرا он ки бо лутфи сухан ё рафтори худ маҷлисею маҳфилеро гарм месозад; маҳфилоро, сӯҳбаторо.

**МАҶМАА** *а.* مجمعه *ниг.* **маҷмаъ**.

**МАҶМАЪ** *а.* مجمع 1. ҷамъомадгоҳ, ҷои гирд омадан; ҷои ғуншавии чизҳо. 2. маҷлис; маҳфил; ҷамъият; **Маҷмаи умумӣ** номи яке аз мақомоти асосии Созмони Милали Муттаҳид.

**МАҶМӮА** *а.* مجموعه 1. гирдоварда; дафтар ё китобе, ки дар он шеър, қисса ва маводи гуногун ҷамъ оварда шудааст: **маҷмӯаи ашъор, маҷмӯаи қонунҳо, маҷмӯаи ҳикояҳо**.

**МАҶМӮАН** *а.* مجموعاً ҷамъан, ҳамагӣ.

**МАҶМӮЪ** *а.* مجموع 1. гирдомада, ҷамъшуда; гирдоварда. 2. ҷамъ; **маҷмӯи**… ҳамаи…; **дар маҷмӯъ** маҷмӯан, ҷамъан, ҳамагӣ.

**МАҶНУН** *а.* مجنون 1. девона, ҷиннӣ. 2. *маҷ.* ошиқи шайдо. 3. лақаби Қайс – қаҳрамони достони «Лайлӣ ва Маҷнун», ошиқи Лайлӣ; ◊ **беди маҷнун** *ниг.* **маҷнунбед**.

**МАҶНУНБЕД** مجنون‌بید *бот.* навъе аз дарахти зебонамуди бед, ки шохаҳояш дарози овезон аст.

**МАҶНУНВОР** مجنون‌وار чун маҷнун, монанди девонаҳо, девонавор.

**МАҶОЗ** *а.* مجاز 1. *кит.* ғайри ҳақиқат, зидди ҳақиқат. 2. *адш., збш.* калима ва иборае, ки дар ғайри маънии ҳақиқии худ кор фармудашуда ва он маънӣ аз ягон ҷиҳат ба маънии аслии калима монанд аст.

**МАҶОЗАН** *а.* مجازاً ба тариқи маҷоз, ба маънии ғайриаслӣ кор фармуда.

**МАҶОЗӢ** مجازی ғайриҳақиқӣ, ғайриаслӣ: **ишқи маҷозӣ**; **маънии маҷозӣ** маънии ба тариқи маҷоз кор фармудашуда, маънии ғайриаслӣ(-и калима ё ибора).

**МАҶОЛ** *а.* مجال 1. *кит.* ҷавлонгоҳ, майдони ҷавлон. 2. қувват, қудрат, тобу тавон, мадор; **маҷол доштан** қудрат доштан, қувват (мадор) доштан. 3. имкон; фурсат; **маҷол додан**; имкон додан; фурсат додан ба коре.

**МАҶОЛИС** *а.* مجالس *ҷ.* **маҷлис**.

**МАҶОМЕЪ** *а.* مجامع *ҷ.* **маҷмаъ**.

**МАҶОР** مجار номи халқи асосии маскуни Ҷумҳурии Маҷористон (Венгрия).

**МАҶОРӢ** مجاری *мансуб ба* **маҷор**; аз аҳли Маҷористон: **забони маҷорӣ**.

**МАҶРО** *а.* مجرا//مجری 1. ҷои ҷараёни оби дарёву наҳрҳо, ҷараёнгоҳ. 2. самт; роҳи пешрафт: **маҷрои кор**.

**МАҶРӮҲ** *а.* مجروح 1. ҷароҳатдор, захмдор, рещдор, ярадор, захмӣ: **маҷрӯҳи сахт, сарбози маҷрӯҳ, афтида маҷрӯҳ шудан, зада маҷрӯҳ кардан, сабук маҷрӯҳ шудан, маҷрӯҳи ҳарбӣ** он ки аснои иҷрои хизмати ҳарбӣ маъюб шудааст. 2. *маҷ.* дилреш, дилозурда, дилафгор.

**МАҶРӮҲӢ** مجروحی маҷрӯҳ будан, ярадор будан, захмдор будан.

**МАҶУС** *ю.* مجوس пайрави дини Зардушт; габр, оташпараст.

**МАҶУСӢ** مجوسی 1. *мансуб ба* **маҷус**; пайрави дини Зардушт будан, оташпарастӣ. 2. *ниг.* **маҷус**.

**МАҶҲУЛ** *а.* مجهول 1. донистанашуда, ношинохта, номаълум. 2. *риёз.* адади номаълум дар муодила. 3. *грам.* феъле, ки фоили он номаълум аст, феъли тарзи мафъулии бевосита (*мас., дида шуд, хонда шуд*); **вови маҷҳул** *збш.* овози «ӯ» у-и дароз, ки талаффузи он барои арабҳо бегона буд.

**МАҶҶОНАН** *а.* مجّاناً ба таври ройгон; **маҷҷонӣ** муфт, бемузд.

**МАҶҶОНӢ** مجّانی бе пардохти пул, ройгон, муфт, бепул.

**МАШАҚҚАТ** *а.* مشقّت сахтӣ, душворӣ, ранҷ, азоб; заҳмат: **машаққати тоқатгудоз, машаққати ҷонфарсо, аз машаққат халос шудан, ба машаққатҳо тоб овардан**; **бо сад** (*ё* **ҳазор) машаққат** бо сахтию азоби зиёд; бо заҳмати тоқатфарсо **(азобу) машаққат кашидан // машаққат дидан** азобу уқубатро аз сар гузарондан, душвориро паси сар кардан.

**МАШАҚҚАТНОК** مشقّتناک сахт, пурранҷ, азобовар: **кори машаққатнок**.

**МАШАҚҚАТОВАР** مشقّتآور *ниг.* **машаққатнок**.

**МАШВАРАТ** *а.* مشورت гуфтугузор барои гирифтани фикру мулоҳизаи касе ё гурӯҳе дар бораи коре; маслиҳат; **ба машварати**... бо маслиҳати...; **машварат додан** маслиҳат додан; **машварат кардан** бо касе гуфтугӯ карда фикру мулоҳизаи ӯро гирифтан дар бораи коре;

**МАШВАРАТГОҲ** مشورتگاه ҷой (хона, толор) барои гузарондани машварат.

**МАШВАРАТӢ** مشورتی *мансуб ба* **машварат; маҷлиси машваратӣ** *ниг.* **маҷлис**.

**МАШВАРАТХОНА** مشورتخانه хона, ҷои махсус барои маслиҳат ва машварат, машваратгоҳ.

**МАШВАРАТЧӢ** مشورتچی *гуфт.* мушовир; маслиҳатдиҳанда.

**МАШҒАЛА** *а.* مشغله 1. машғулият, кору бор. 2. ғалоғула, мағал, шӯру ғавғо, доду фарёд. 3. *гуфт.* ташвиши ҳаррӯзаи зиндагӣ.

**МАШҒУЛ** *а.* مشغول саргарми коре ё чизе, он ки бо коре банд аст; андармон, банд; **машғули сӯҳбат** саргарми сӯҳбат; **ба кори худ машғул** бо кори худ банд, саргарми кори худ; **машғул будан** саргарм (банд, андармон) будан бо коре: **машғули кор будан, машғули ношто будан, машғули бозӣ будан; машғул доштан** саргарм кардан, андармон (банд) кардан; диққати касеро ба корҳои ғайримуҳим ҷалб кардан; **машғул кардан** бо коре саргарм (банд, андармон) кардан; машғул доштан; **машғул шудан** саргарм (банд, андармон) шудан бо коре (*хусусан фориғ аз кори асосӣ*); шуғл варзидан, иҷро кардан кореро: **ба корҳои илмӣ ва адабӣ машғул шудан, ба тамошои чизе машғул шудан; ба чой нӯшидан машғул шудан, ба шеърхонию шеъргӯӣ машғул шудан**.

**МАШҒУЛИЯТ** *а.* مشغولیت 1. машғулӣ, андармонӣ; банд будан бо коре. 2. кор, шуғл. 3. дарс: **машғулияти семинарӣ, машғулияти факултативӣ, машғулият гузаронидан**.

**МАШҒУЛӢ** مشغولی машғул будан, банд будан; андармонӣ бо коре, саргарми коре будан; **машғулӣ доштан** машғул будан; андармон будан; **машғулӣ кардан (намудан)** машғул шудан.

**МАШИБ** *а.* مشیب *кит.* пир шудан, мӯсафед шудан; пирӣ; куҳансолӣ.

**МАШИМА** *а.* مشیمه *кит., тиб.* ҳамроҳак, ҳамроҳ (*дар бачадони занон*).

**МАШИЯТ** *а.* مشيت *кит.* ирода, хост; хости Худо.

**МАШИНА** *англ.* مشينه *ниг.* **мошина**.

**МАШӢ** *а.* مشى *кит.* роҳ рафтан, роҳ гаштан, рафтор; **хати машӣ** роҳи пешгирифта, роҳи интихобкарда.

**МАШК** مشک пӯсти яклухт кандаю ошдода дӯхтаи гов ё гӯсфанд барои кашондани об, дӯғ *ва г.*: **машки об**.

**МАШКОБ** مشکاب *кҳн.* он ки бо машк об мекашонад, саққо; **сар қозию пой машкоб** (*мақ.*) дар ҳаққи гурӯҳи одамоне гуфта мешавад, ки аз намояндагони табақаҳои ниҳоят гуногун иборат мебошанд.

**МАШКОБӢ** مشکابى *кҳн.* касби машкоб, обкашонӣ бо машк.

**МАШКУК** *а.* مشکوک *кит.* шаковарда, дар гумономада; шубҳанок; **машкук будан** дар гумон будан.

**МАШКУФӢ//МАШКУФА** مشکوفى//مشکوفه *кит.* ҳалвое, ки аз мағзи бодом ва шакар тайёр мешавад.

**МАШҚ** *а.* مشق 1. барои ба даст овардани малака ва маҳорат пай дар пай машғул шудан бо коре, тамрин, тайёрии пешакӣ. 2. *ҳ.* машғулият дар қисмҳои ҳарбӣ; дарси тайёрии ҳарбӣ; **машқ додан** машғулияти тайёрии ҳарбӣ гузаронидан, машқ кунонидан; таълим додан; **машқи ҳарбӣ гузаронидан** гузаронидани амалиёти ҳарбии ба шароити ҷангӣ наздики қисму қӯшунҳо (*ҳамчун таълим*). 3. супориш дар китобҳои дарсӣ барои омӯзондан ва мустаҳкам кардани саводу дониши талабагон аз фанне. 4. *мус.* тайёрии пешакӣ дар навохтани созе ё дар сарояндагӣ; оҳанг; **машқи танбӯр** навохтани танбӯр, танбӯрнавозӣ; **машқи тарбияи бадан** маҷмӯи ҳаракатҳои махсуси аъзои бадан барои мустаҳкам кардани саломатӣ ва зиёд кардани қобилияти ҷисмонӣ, варзиши бадан; **машқ кардан** а) такрор ба такрор анҷом додани коре барои ёд гирифтан ва малака ҳосил кардан; б) тайёрии пешакии намоиш ё консерт (*қабл аз ба саҳна гузоштан ё ба саҳна баромадан*); тамрин кардан; **машқ кунондан** а) *тарзи бавоситаи* **машқ кардан**; б) *ниг.* **машқ додан**; **шеър машқ кардан** шеъргӯӣ ва шеърнависӣ кардан барои ёд гирифтан.

**МАШҚГОҲ** مشقگاه ҷои машқ, майдони машқ.

**МАШҚДИДА** مشقديده машққарда, тамринкарда, тарбияи бадан ёфта: **варзишгари машқдида**.

**МАШҚДИҲАНДА** مشقدهنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **машқ додан**; мураббӣ (*дар варзиш*).

**МАШҚӢ** مشقى *мансуб ба* **машқ**: **коғази машқӣ** коғази махсус барои ҳамчун мусаввада навиштани хат.

**МАШҚКАРДА** مشقکرده *сифати феълии замони гузашта аз* **машқ кардан**.

**МАШМАША** مشمشه *гуфт.* ҷанҷол, ҳархаша, ҷангу ҷидол; **машмаша кардан** ҷангу ҷидол кардан, ҷанҷол кардан.

**МАШМУМ** *а.* مشموم *кит.* он чи бо қувваи шомма ҳис карда мешавад; чизҳои бӯиданӣ; бӯидашаванда.

**МАШОИХ** *а.* مشايخ *ҷ.* **шайх**.

**МАШОМ** *а.* مشام 1. димоғ, бинӣ. 2. ҳисси бӯёӣ, қувваи шомма; **ба машом расидан** бо димоғ ҳис карда шудани бӯе.

**МАШОҲИР** *а.* مشاهير *ҷ.* **машҳур;** одамони машҳур.

**МАШРАБ** *а.* مشرب 1. *кит.* ҷои обхӯрӣ ва обгирӣ; ошомидангоҳ. 2. зарф барои нӯшидани об, шароб *ва г.* 3. *маҷ.* маслак, тариқат (*дар тасаввуф*).

**МАШРАБА** *а.* مشربه зарфи шишагӣ ё сафолӣ барои нигоҳ доштани моеот ва нӯшобаҳо; сурОҳӣ.

**МАШРИҚ** *а.* مشرق 1. тарафи офтоббаро, самти тулӯи Офтоб, шарқ, ховар. 2. *ниг.* **Машриқзамин**; **амири Машриқ** *таър.* лақаби подшоҳони Сомонӣ; ◊ **гоҳ аз Машриқ гоҳ аз Мағриб** гоҳ ину гоҳ он, аз ҳар хусус, беробита, дарҳамбарҳам.

**МАШРИҚЗАМИН** مشرقزمين мамлакатҳое, ки дар самти офтоббаро – Шарқ воқеанд.

**МАШРИҚӢ** مشرقى 1. *мансуб ва оид ба* **машриқ**. 2. сокини Машриқзамин.

**МАШРУБ** *а.* مشروب об, шароб ва дигар моеъҳои нӯшиданӣ, нӯшоба, май, шароб.

**МАШРУБОТ** مشروبات *ч.* **машруб** (*бештар нӯшобаҳои алкоголӣ*).

**МАШРУБОТФУРӮШ** مشروبات‌فروش фурӯшандаи машрубот, майфурӯш.

**МАШРУБОТФУРӮШӢ** مشروبات‌فروشی фурӯши машрубот, майфурӯшӣ.

**МАШРУТ** *а.* مشروط шарткарда; чиз ё кори вобаста ба ягон шарт; **машрут бар ин ки**… ба шарте ки…, вобаста бар ин ки…

**МАШРУТА** *а.* مشروطه 1. *муаннаси* **машрут**. 2. *с.* ҳукумати мутлақаи маҳдуд бо қонуни парламентӣ (*пеш аз ҳама, конститутсия*); **инқилоби машрута** инқилобе, ки дар Эрон (1905–1911) машрутахоҳон бо талаби барпо кардани ҳукумати шоҳие, ки аз рӯи қонунҳои парламент (*пеш аз ҳама, қонуни асосӣ – конститутсия*) давлатро идора кунад, ба амал оварда буданд.

**МАШРУТАВӢ** مشروطوی *мансуб ба* **машрута**: **сохти машрутавӣ**.

**МАШРУТАТАЛАБ** مشروطه‌طلب *ниг.* **машрутахоҳ**.

**МАШРУТАТАЛАБӢ** مشروطه‌طلبی *ниг.* **маршрутахоҳӣ**.

**МАШРУТАХОҲ** مشروطه‌خواه тарафдори тарзи идораи машрутавӣ, толиби низоми конститутсионӣ.

**МАШРУТАХОҲӢ** مشروطه‌خواهی сохтани тарзи идораи маршутавӣ; талаби низоми конститутсионӣ.

**МАШРУТИЯТ** *а.* مشروطیت сохти машрутавӣ (*низоми конститутсионӣ*).

**МАШРӮҲ** *а.* مشروح шарҳдода, эзоҳшуда; баёнёфта; шарҳ, эзоҳ; баёни муфассал; **машрӯҳ шудан** шарҳ додан; муфассал баён гаштан.

**МАШРӮЪ** *а.* مشروع он чи шариат онро раво ва ҷоиз медонад, мувофиқ ба шариат.

**МАШТУТ** *а.* مشتوت торҳои танида, ки барои бофтан ба зағӯта печонда шудаанд.

**МАШҲАД** *а.* مشهد 1. *кит.* ҷои шаҳид шудан, ҷои кушта шудан. 2. *кит.* қабри одамони шаҳидшуда, қабристони шаҳидон. 3. номи шаҳре дар Хуросони Эрон.

**МАШҲУД** *а.* مشهود *кит.* 1. дидашуда, муоинашуда. 2. ошкор, пайдо.

шуда. 2. ошкор, пайдо.

**МАШҲУН** *а.* مشحون *кит.* пуркарда; пур, мамлу; **машҳун ба**… пур аз…

**МАШҲУР** *а.* مشهور шӯҳратёфта, номвар, номӣ, маъруф; овозадор, номдор, номбароварда (*ба некӣ ё ба бадӣ*): **ғазали машҳур**, **дузди машҳур**, **мақоли машҳур**, **оҳанги машҳур**, **шоири машҳури тоҷик**, **машҳури ҷаҳон шудан//дар ҷаҳон машҳур шудан, ба... машҳур кардан**, **бо номе** *ё* **лақабе машҳур шудан**.

**МАШШОИЯ** *а.* مشائیه *фалс.* ҷараёнест дар фалсафаи асрҳои миёна, ки аз назарияҳои Афлотун, Арасту, Киндӣ *ва диг.* сарчашма гирифта, дар ҳис инъикосёбии ашё асоси назариявии ин ҷараён буд, перипатетизм.

**МАШШОҚ** *а.* مشّاق 1. *кит.* бисёр машқкунанда; бисёр машқу таълимдида. 2. навозандаи созҳои торӣ; навозанда.

**МАШШОҚӢ** مشّاقی амал ва шуғли машшоқ.

**МАШШОТА** *а.* مشّاطه зане, ки мӯи арӯсонро оро медиҳад; ороишгар, шоназан.

**МАШШОЪ** *а.* مشّاء *кит.* 1. одами тезрав, тезгард. 2. *фалс.* пайрави машшоия.

**МАШЪАЛ** *а.* مشعل чӯби дар сараш латтаҳои равғанолуд печондашуда, ки афрӯхта торикиро равшан мекунанд; чароғ: **машъали тобон** *ё* **фурӯзон, нури машъал, шӯълаи машъал, машъал афрӯхтан** *ё* **даргирондан;** *истиоратан:* **машъали илму маърифат, машъали озодӣ, машъали рахшони адолат**.

**МАШЪАЛАФРӮЗ** مشعل‌افروز 1. он ки машъал меафрӯзад; даргиронандаи машъалу қандилҳо (*хусусан дар дарборҳои шоҳу амирон*). 2. *маҷ.* ташаббускор, пешдаро дар коре.

**МАШЪАЛАФРӮЗӢ** مشعل‌افروزی *исми амал аз* **машъал афурӯхтан**; бо чароғҳои ранга оро додани кӯчаву хиёбон ва биноҳо ба муносибати ягон ҷашн.

**МАШЪАЛБАР** مشعل‌بر *ниг.* **машъалдор**.

**МАШЪАЛДОР** مشعل‌دار он ки машъал дар даст дорад; он ки машъал дар даст пошопеш меравад.

**МАШЪУМ** *а.* مشعوم номуборак, бадюмн; манҳус: **хабари машъум, хасми машъум**.

**МАШЪУФ** *а.* مشعوف *кит.* 1. шефта, мафтун. 2.

шод, хурсанд: **машъуф ва масрур**.

**МАЪБАД(А)** *а.* معبد(ه) ҷои ибодат, ибодатхона, ибодатгоҳ.

**МАЪБАР(А)** *а.* معبر(ه) *кит.* ҷои убур, гузаргоҳ; ҷои муайяни киштигузари дарё, баҳр *ва г.*

**МАЪБУД** *а.* معبود *кит.* қобили парастиш; мӯҷиби парастиш (*мас., Худо*).

**МАЪВО** *а.* مأوی//مأوا 1. паноҳгоҳ, маъман. 2. сарпаноҳ; бошишгоҳ, ҷойгоҳ, макон, ҷой, хона; *истиоратан:* **маъвои дил, маъвои умед; маъво гирифтан** ҷой гирифтан.

**МАЪВОГАҲ** مأواگه *ниг.* **маъвогоҳ**.

**МАЪВОГОҲ** مأواگاه истиқоматгоҳ, бахшишгоҳ.

**МАЪДАН** *а.* معدن 1. кон, ҷои филизот, санг *ва г.*, ки канда аз замин мебароранд. 2. моддаи химиявии ғайриорганикӣ, ки дар қишри Замин ба таври табиӣ (*дар шакли пайвастаҳо*) хобидааст, минерал. 3. пайвастаи табиии аз конҳо истихроҷшуда, ки дар корхонаҳои саноати маъдангудозӣ ва дигар унсурҳои химиявиро аз он ҷудо карда мегиранд; канданиҳо(-и фоиданок): **маъдани оҳан, кони маъдан, саноати маъдан**. 4. *маҷ.* сарчашма, маншаъ.

**МАЪДАНГУДОЗӢ** معدنگدازی амали об кардани (гудохтани) маъдан; корхонаи маъдангудозӣ.

**МАЪДАНДОР** معدندار он қабати хок, ки маъдан дорад.

**МАЪДАНИЁТ** *а.* معدنیات *ҷ.* **маъдан:** канданиҳо, минералҳо.

**МАЪДАНӢ** معدنی *мансуб ба* **маъдан**; маъдандор; **нуриҳои маъданӣ** моддаҳои химиявии серҳосилкунандаи хок, ки дар кишоварзӣ ҳамчун поруи сунъӣ истифода мебаранд; **обҳои маъданӣ** обҳои зеризаминӣ, ки дар таркиби худ ягон моддаи химиявӣ доранд.

**МАЪДАНКАН** معدنکن он ки дар кони маъдан кор мекунад, он ки ба истихроҷи маъдан машғул аст, конкан.

**МАЪДАНКАНӢ** معدنکنی амалиёти канда баровардани маъданҳо, истихроҷи маъдан.

**МАЪДАНШИНОС** معدنشناس мутахассиси илми маъданшиносӣ.

**МАЪДАНШИНОСӢ** معدنشناسی илмест дар бораи маъданҳо – пайвастаҳои табиии раи маъданҳо – пайвастаҳои табиии химиявӣ.

**МАЪДУД** *а.* معدود 1. шумурда, ҳисобшуда. 2. ба теъдоди маҳдуд, кам, башумур.

**МАЪДУМ** *а.* معدوم *кит.* эъдомшуда, нестшуда, нобудгашта; **маъдум шудан** несту нобуд шудан.

**МАЪЗАРАТ** *а.* معذرت узрхоҳӣ; **маъзарат хостан** узр пурсидан, пӯзиш хостан.

**МАЪЗАРАТХОҲӢ** معذرتخواهی *исми амал аз* **маъзарат хостан**; узр хостан.

**МАЪЗУЛ** *а.* معزول азлшуда, барканоршуда (*аз мансаб*), аз кор сабукдӯшшуда; **маъзул кардан** аз кор гирифтан, аз амалу мансаб дур кардан, сабукдӯш кардан.

**МАЪЗУР** *а.* معذور 1. узрдошта, узрдор, он ки узри маъқул ва асоснок дорад; **маъзур доштан** узри касеро қабул кардан, узри касеро ба эътибор гирифтан; **узру маъзур гуфтан** бахшоиш хостан, афв пурсидан; **хайру маъзур кардан** хайрухуш кардан (гуфтан), худоҳофизӣ кардан; видоъ кардан.

**МАЪКУС** معکوس *кит.* баръаксшуда, чаппа шуда; мақлуб, нагунсор, вожгун, сарнагун.

**МАЪҚУЛ** *а.* معقول 1. он чи ба воситаи ақл дарк шудааст; аз рӯи ақл, оқилона. 2. писандидаи ақл; писандида; мақбул, хушоянд; хуб, нек; **гапи маъқул** сухани оқилона; гапи дуруст; **маслиҳати маъқул** маслиҳати дуруст; фикру мулоҳизаи қобили қабул: **маъқул афтодан** писанд омадан, хуш омадан; мавриди қабул воқеъ шудан; **маъқул будан (набудан)** писандида будан; мувофиқи майл ва табъ будан (набудан); **маъқул донистан // маъқул ёфтан** а) писандидан, пазируфтан; б) дуруст донистан, қобили қабул шумурдан; **маъқул кардан** а) дуруст донистан, хуб ҳисоб кардан, дуруст шумурдан; б) розӣ кунонидан, ба гап даровардан; **маъқул кунонидан** *тарзи бавоситаи* **маъқул кардан**; қабул кунонидан; **маъқул омадан** писанд омадан, хуш омадан, маъқул шудан; **маъқул шудан** писандида шудан; писанд омадан, хуш омадан, мувофиқи табъи касе воқеъ шудан.

**МАЪЛУЛ** *а.* معلول *кит.* иллатдор, касал, бемор, маъюб.

**МАЪЛУМ** *а.* معلوم 1. дониста, шинохта; *муқоб.*

**маҷҳул**. 2. аён, ошкор; **гӯсолаи шуданӣ аз пояш маълум** (*мақ.*); **ба мақсади маълум** бо мақсади муайян; **бо сабабҳои маълум** бо сабабҳои муайян; бо сабабҳое, ки ҳама медонанд; **маълум будан ба** *касе* хабардор будан, бохабар будан; **маълум кардан** а) хабар додан, иттилоъ додан; б) зоҳир кардан, нишон додан; **маълум шудан (гаштан)** а) ошкор шудан, аён гаштан, равшан шудан(*-и натиҷаи чизе, гузаштани вақт ва г.*); б) хабар ёфтан, огоҳ шудан; **нуфузи маълум доштан** таъсири муайян доштан, як андоза нуфуз доштан; **маълум аст, ки…** ошкор (аён, равшан) аст, ки…, ҳувайдост, ки…, **маълум мешавад, ки…**; ба хулосае омадан мумкин аст, ки…; **ин гапи маълум (аст)** ин гапест, ки ҳама медонанд, ин гапи машҳур аст.

**МАЪЛУМОТ** *а.* معلومات *ҷ.* **маълум**. 1. маҷмӯи он чи ки оид ба чизе дониста шудааст. 2. хабарҳо доир ба чизе ё масъалае, иттилоот: **маълумоти дуруст**, **маълумоти махфӣ, маълумот гирифтан, маълумот додан, маълумот ғун кардан** *ё* **ҷамъ кардан, маълумотро аниқ кардан**; **маълумоти расмӣ** он чи расман маълум гардидааст, ахбори расмӣ; **ба маълумот гирифтан** бохабар будан аз масъалае; бо ҳуҷҷате шинос будани худро эълон кардан (*дар коргузорӣ*); **ба маълумоти** *касе* **расондан** ба иттилои касе расондан, расман хабар додан (*истилоҳи коргузорист*).

**МАЪЛУМОТДИҲӢ** معلوماتدهی *исми амал аз* **маълумот додан**; **маркази маълумотдиҳӣ** ҷои дастрас намудани ахбори лозима, маркази иттилоот.

**МАЪЛУМОТДОР** معلوماتدار он ки дар бораи масъалае ахбори лозимаро медонад, соҳибхабар.

**МАЪЛУМОТНОК** معلوماتناک бохабар, боиттилоъ; маълумотдор.

**МАЪЛУМОТНОМА** معلوماتنامه китоби дорои иттилооти гуногун дар ягон соҳаи илм, касбу шуғл *ва г.*: **маълумотномаи ронанда**, **маълумотномаи тиб**; **маълумотномаи телефон** китоби рақамҳои телефонҳои сокинон ва муассисаву идораҳои муайян, роҳнамои телефон.

**МАЪМАН** *а.* مأمن *кит.* ҷои амн; паноҳгоҳ.

**МАЪМУЛ** I *а.* مأمول *кит.* чизи умедкарда, чашмдошт; умед, орзу.

**МАЪМУЛ** II *а.* معمول 1. дар амал ҷорӣ, таомулшуда, расму одатшуда; расм, одат. 2. роиҷ, мутадовил, мустаъмал; **луғати маъмул** калимае, ки кор фармуда мешавад; вожаи серистеъмол; **бар хилофи маъмул** бар хилофи он чи таомул шудааст; **маъмул будан** дар амал ҷорӣ будан; роиҷ будан,ривоҷ доштан.

**МАЪМУЛӢ** معمولی *мансуб ба* **маъмул** (II); дар амал кор фармудашаванда, расмшуда; одӣ, муқаррарӣ.

**МАЪМУН** *а.* مأمون *кит.* дар амон буда, эмин аз хавфу хатар.

**МАЪМУР** I *а.* مأمور амршуда, фармонгирифта. 2. он ки ба ӯ амр шудааст, то ягон кори давлатиро ба анҷом расонад; корманди давлатӣ; вазифадоршуда, мутасаддӣ барои иҷрои коре; амалдор, мансабдор: **маъмури давлатӣ, маъмури гумрук, маъмури меҳмонхона…; маъмур шудан (гардидан)** амр гирифтан барои иҷрои ягон кори давлатӣ; вазифадор шудан.

**МАЪМУР** II *а.* مأمور таъмиршуда, иморатшуда; обод, ободон: **деҳаи маъмуру обод**.

**МАЪМУРИЯТ** *а.* مأموريت 1. корҳое, ки барои иҷро ба ягон маъмури давлатӣ ё ҳукуматӣ супурда шудааст. 2. мақомоти иҷроия; роҳбарият: **маъмурияти корхона**, **маъмурияти мактаб**, **маъмурияти муассиса**.

**МАЪМУРӢ** I مأموری *мансуб ва оид ба* **маъмурият**: **бинои маъмурӣ, маркази маъмурӣ, шӯъбаи маъмурӣ; тақсимоти маъмурӣ** ба воҳидҳои маъмурии марзӣ ҷудо кардани сарзамине; **чораи маъмурӣ** чора (танбеҳ), ки ба амру фармони маъмурият(*-и муассисаву корхона ва г.*) амалӣ мегардад (*мас., барои вайрон кардани интизоми меҳнатӣ*); **бо роҳи маъмурӣ** бо амру фармони маъмурият, бо чораю тадбирҳои расмӣ.

**МАЪМУРӢ** II معموری ободӣ, ободонӣ.

**МАЪНАВИЁТ** *а.* معنويات ҳамаи он чи, ки ба олами рӯҳӣ ва ғоявию ахлоқӣ мансуб аст; олами ботинӣ; ҳаёти маънавӣ; арзишҳои маънавӣ.

**МАЪНАВӢ** *а.* معنوی 1. *марбут ба* **фаъолияти ақлонӣ**. 2. рӯҳӣ, *муқоб.* **моддӣ; азоби маънавӣ** азоби ботинӣ. 3. ахлоқӣ: **тарбияи маънавӣ,**

**ягонагии маънавию сиёсӣ; симои маънавӣ** одобу ахлоқ ва хислати шахс; **ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавӣ** бо мукофотҳои пулӣ ва унвонҳои фахрӣ тақдир кардан. 4. маънан, мазмунан: **тарҷумаи маънавии матн** мазмунан тарҷума шудани матн.

**МАЪНАН** *а.* معناً 1. аз ҷиҳати маънавӣ. 2. аз ҷиҳати маъно, аз рӯи мазмун.

**МАЪНИДОД** معنيداد маънии гапе ё масъалаеро кушода додан, шарҳ, тафсир; **маънидод кардан** шарҳу эзоҳ додан: **ғалат** *ё* **нодуруст маънидод кардан**.

**МАЪНИДОР** معنيدار 1. дорои маънӣ; дорои мазмун ва мафҳуми муайян. 2. он чи дар зимн матлабе ё таассуротеро фаҳмонда метавонад: **нигоҳи маънидор**, **табассуми маънидор**; **маънидоркарда** *гуфт.* а) маънидорона, рамзнок; б) ифоданок; равон.

**МАЪНИДОРОНА** معنيدارانه чизеро дар назар дошта, ба чизе ишораткунон: **табассуми маънидорона**, **маънидорона нигоҳ кардан**.

**МАЪНӢ** معنى *ниг.* **маъно**.

**МАЪНО//МАЪНӢ** *а.* معنا//معنى 1. он чи калима, ишора, аломат *ва г.* онро ифода мекунад, мазмуни калом: **маънои калима, маънии барҷаста, маънии чуқур, маънои шеър; маънои луғавӣ** маънои аслии калима; **маънои маҷозӣ** *ниг.* **маҷозӣ**; **исми маънӣ** *грам.* номи мафҳумҳое, ки ҷисм надоранд. 2. мақсад, мурод, манзур. 3. моҳият, мазмун; **маънии зиндагӣ//маънии ҳаёт** мафҳуми ҳаёт; он чи инсон барои он ба дунё омадааст; **маънии хоб** таъбири хоб; **маънӣ доштан** мақсад доштан, ҳадаф доштан; **ба маънии** *чизе* **рафтан** ба мазмуни чизе сарфаҳм рафтан; моҳияти чизеро фаҳмидан; **аҳли маънӣ** суханварон; **ба маънӣ** моҳиятан; ботинан; **дар ин маънӣ** дар ин бобат; аз ин ҷиҳат; **узру маънӣ** *гуфт.* узрхоҳӣ, маъзаратхоҳӣ.

МАЪ

**МАЪНОӢ** معنائى *мансуб ба* **маъно**, маънидор.

**МАЪНУС** *а.* مأنوس унсгирифта, хӯкарда; одаткарда.

**МАЪРАЗ** *а.* معرض ҷои нишон додани чизе; **ба маърази тамошо гузоштан** нишон додан, намоиш додан (*мас.*, *расмеро*).

**МАЪРАКА** *а.* معركه 1. *кит.* майдони ҷанг, майдони корзор; ҷанг, муҳориба, задухӯрд. дони корзор; ҷанг, муҳориба, задухӯрд. 2. ҷамъомади мардум барои гузаронидани мусобиқа ё иҷрои якҷояи коре; давраи муташаккилона гузаронидани ягон кор ё вазифаи махсуси иҷтимоӣ ва сиёсӣ: **маъракаи қиссагӯён**, **маъракаи алафдаравӣ**, **маъракаи интихобот**, **маъракаи киштукори баҳорӣ**, **маъракаи обуна**; **маърака гирифтан** дар майдони кушода мардумро ба гирди худ ғун кардан (*чунонки дар гузашта маддоҳону қиссахонон, гӯштингирон ва г. маъракагирӣ мекарданд*); гирд омадани одамон. 3. *нав.* маросими тӯй ё азо: **маъракаи хурсандӣ**, **маъракаи оши сол**; **радди маърака шудан** аз қатори мардум бароварда шудан; аз касе рӯ гардондани ҷамоат.

**МАЪРАКАГИРӢ** معركه‌گيرى *исми амал аз* **маърака гирифтан**; дар майдони кушод мардумро ба гирди худ ҷамъ кардани маддоҳону қиссахонони замони гузашта; тамошобинонро ба атрофи худ ҷамъ кардани гӯштингирон.

**МАЪРАКАЗЕБ** معركه‌زيب маҷлисоро, маҳфилоро.

**МАЪРАКАОРО** معركه‌آرا он ки бо сухани ширин ё бо ягон ҳунари худ ҷамъомадро гарм мекунад, маҷлисоро, маҳфилоро.

**МАЪРИФАТ** *а.* معرفت 1. дониш, илму дониш; *ба тариқи истиора:* **нури маърифат, чароғи маърифат афрӯхтан** *ё* **фурӯзон кардан, аз боғи маърифат гул чидан, аз илму маърифат дур будан, офтоби маърифат дамидан**. 2. *фалс.* дарки воқеият ба воситаи ақлу ҳис; шинохти чигунагии олам: **назарияи маърифат**. 3. маориф; омӯзишу парвариш, таълиму тарбия; *муқ.* **бомаърифатӣ; аҳли маърифат** соҳибмаърифатон, одамони аз илму дониш баҳр165 манд, ашхоси огоҳу доно; ◊ **гулҳои боғи маърифат** мактабхонон, мактаббачаҳо.

**МАЪРИФАТБЕЗОР** معرفت‌بيزار он ки ба илму дониш нафрат дорад, маърифатқимоб, ҷаҳолатпараст.

**МАЪРИФАТДӮСТ** معرفت‌دوست *ниг.* **маорифдӯст**.

**МАЪРИФАТӢ** معرفتى *мансуб ба* **маърифат**; **барномаи маърифатӣ** барнома оид ба паҳн кардани илму дониш дар байни омма ва умуман маърифатнок кардани аҳолӣ.

**МАЪРИФАТНОК** معرفتناک соҳиби илму дониш, огоҳ, донанда, ориф.

**МАЪРИФАТНОКӢ** معرفتناکی маърифатнок будан, соҳиби илму дониш будан.

**МАЪРИФАТПАЗИРӢ** معرفتپذیری донисташавандагӣ; **маърифатпазирии олам** *фалс.* ҷиҳати дигари масъалаи асосии фалсафа, ки дар бораи ба воситаи ақлу ҳис қобили дарк будан ё набудани олам баҳс мекунад.

**МАЪРИФАТПАРВАР** معرفتپرور илмдӯст; тарафдори пешрафти илму маърифат; маорифпарвар, фарҳангпарвар.

**МАЪРИФАТПАРВАРӢ** معرفتپروری маърифатпарвар будан; маорифпарварӣ, фарҳангпарварӣ.

**МАЪРУЗ** *а.* معروض арзшуда; **маъруз доштан** арз кардан, баён кардан.

**МАЪРУФ** *а.* معروف 1. шинохташуда, маълум; *муқоб.* **маҷҳул**. 2. машҳур, овозадор, шӯҳратпайдокарда дар байни халқ: **нависандаи маъруф, сарояндаи маъруф; амри маъруф** *д.* даъват барои иҷрои воҷиботи шариат; даъват ба некӯкорӣ; панду насиҳати динӣ ва ахлоқӣ; **вови маъруф** *грам.* овози «у»-и нисбатан пурра ва шунаво талаффузёбанда, ки дар хати арабии тоҷикӣ бо ҳарфи «вов» навишта мешавад (*мас., дар калимаи* дуд, тут *ва г.*); **йои маъруф** *грам.* овози «и», ки дар хати арабии тоҷикӣ қоидатан бо ҳарфи «йо» навишта мешавад (*мас.*, дар калимаҳои дирӯз, тир *ва г.*).

**МАЪРӮЗА** *а.* معروضه баёноти муфассал дар ҷамъомаде дар бораи мавзӯи муайяне, нутқ (*дар конференсия*), суханронӣ: **маърӯзаи ҳисоботӣ, маърӯза кардан**.

**МАЪРӮЗАКУНАНДА** معروضهکننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **маърӯза кардан;** он ки дар маҷлис, конференсия *ва г.* маърӯза мекунад, сухангӯй, суханрон.

**МАЪРӮЗАЧӢ** معروضهچی *гуфт., ниг.* **маърӯзакунанда**.

**МАЪСИЯТ** *а.* معصیت *кит.* гуноҳ, ҷурм; гуноҳ кардан.

**МАЪСУМ** *а.* معصوم бегуноҳ; он ки дар умри худ гуноҳе накардааст: **кӯдаки маъсум, тифли маъсум**.

**МАЪСУМА** *а.* معصومه *муаннаси* **маъсум**; зани бегуноҳ; покдоман.

**МАЪСУМӢ** معصومی 1. маъсум будан, бегуноҳӣ, беайбӣ. 2. покдоманӣ.

**МАЪСУМОНА** معصومانه покдилона, беғаш; **муомилаи тифлонаи маъсумона** муносибати софдилонаи хоси тифлон.

**МАЪТАЛ** معطل (*аслаш* **муаттал)** интизор, мунтазир; **маътали** *касе ё чизе* **будан** дар интизори касе ё чизе будан, касе ё чизеро мунтазир будан, касеро интизорӣ кашидан, нигарони касе шудан; **маътал кардан** дар интизорӣ нигоҳ доштан, мунтазир кардан; **маътал мондан** бекор мондан; **маътал шудан** а) мунтазир шудан, интизор будан; б) бекор мондан.

**МАЪТАЛӢ** معطلی маътал будан, интизорӣ, нигаронӣ.

**МАЪТУФ** *а.* معطوف *кит.* гардонида ба тарафе, нигаронида: **инон маътуф доштан** инон ба тарафе гардондан; ба сӯи дигар баргаштан.

**МАЪФУВ** *а.* معفو *кит.* афвшуда, бахшида; **маъфув доштан** афв кардан, аз гуноҳи касе гузаштан.

**МАЪХАЗ** *а.* مأخذ 1. ҷои ахз, ҷое, ки аз он чизеро мегиранд. 2. сарчашмаи маълумот, манбаъ: **маъхази асосӣ, маъхази илмӣ**.

**МАЪХАЗШИНОСӢ** مأخذشناسی *нав.* илме, ки усули таҳқиқ ва истифодаи сарчашмаҳоро (*хусусан таърихиро*) меомӯзад.

**МАЪХУЗ** *а.* مأخوذ *кит.* 1. ахзшуда, гирифта; ба даст омада. 2. дастгиршуда; гирифтор, бандӣ.

**МАЪҲУД** *а.* معهود 1. аҳду паймон шуда, бо аҳду паймон муайян ва муқарраршуда. 2. муқаррарӣ, одатӣ, маъмул; **ба дастури маъҳуд** аз рӯи расму қоидаи маълум.

**МАЪҶУН** *а.* معجون 1. чизи аз чанд модда таркибёфта, омеза, махлут. 2. хамираи хӯрданӣ, ки аз чанд доруи омехта бо асал ё бо шакар омода карда мешавад.

**МАЪШАР** *а.* معشر *кит.* 1. ҷамоат, гурӯҳи одамон. 2. хешовандон.

**МАЪШУҚ** *а.* معشوق он ки ишқ ва муҳаббати касе дар қалби ӯ ҷой гирифтааст, маҳбуб, дӯстдошта.

**МАЪШУҚА** *а.* معشوقه *муаннаси* **маъшуқ**.

**МАЪШУҚАБОЗӢ** معشوقه‌بازی ишқварзӣ; занбозӣ.

**МАЪШУҚӢ** معشوقی маъшуқ будан; **робитаи ошиқӣ ва маъшуқӣ** муносибати ошиқона.

**МАЪЮБ** *а.* معیوب 1. он ки ягон нуқсони узвӣ дорад, айбнок (**маиб** ба ин маънӣ *шакли гуфтугӯии ин калима аст*). 2. шахсе, ки дар натиҷаи бемории илоҷнопазир ё ягон иллати дигар қобилияти кориашро гумкарда дониста шудааст: **маъюби ҷанг**.

**МАЪЮС** *а.* مأیوس ноумедшуда, ноумед; навмед; дилшикаста; **маъюс шудан** ноумед шудан; рӯҳафтода шудан.

**МАЮСӢ** *а.* مأیوسی ноумедӣ, яъс: **аломати маъюсӣ дар чеҳраи** *касе* **намоён будан**; **ба маъюсӣ афтодан** ба яъсу навмедӣ дучор шудан; **дар маъюсӣ андохтан** дучори яъсу навмедӣ кардан; рӯҳафтода кардан.

**МАЪЮСОНА** مأیوسانه дар ҳолати ноумедӣ, навмедона: **маъюсона ҷавоб додан, маъюсона нигоҳ кардан, бо оҳанги маъюсона гуфтан**.

**МЕБЕЛ** *лот.* میبیل ашёву асбоби чӯбии хона (*аз қабили миз, курсӣ, диван, ҷевон*), асосия.

**МЕБЕЛСОЗ** میبیل‌ساز устое, ки мебел месозад, дуредгари созандаи мебел.

**МЕБЕЛСОЗӢ** مبل‌سازی сохтани мебел; корхонае, ки дар он мебел месозанд: **корхонаи мебелсозӣ**.

**МЕБЕЛФУРӮШӢ** میبیل‌فروشی фурӯши мебел; ҷои фурӯши мебел: **мағозаи мебелфурӯшӣ**.

**МЕБОИСТ** می‌بایست *сигаи шартию хоҳишмандӣ аз феъли* **боистан,** *ки ҳамчун калимаи модалӣ бо феълҳо маънои* **заруриатро** *медиҳад;* лозим (зарур) буд, ки…

**МЕВА** میوه 1. ҳосили дарахт, бар, бор, самар: **меваи лазиз, меваи ширин, меваи тар, меваи хушк, меваҳои тирамоҳӣ, мева додан, мева фурӯхтан, мева чидан; оби мева** обе, ки аз фушурдани мева ҳосил мешавад, шираи мева; шарбат, афшура; **обу мева** мураббо ва меваҳои гуногун. 2. *маҷ.* натиҷа, ҳосили кор, самара; ◊ **меваи боғи умр** фарзанд.

**МЕВАҒУНДОРӢ** میوه‌غنداری *ниг.* **мевачинӣ: мавсими мевағундорӣ**.

**МЕВАДИҲАНДА** میوه‌دهنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **мева додан;** самароварː **дарахти мевадиҳанда, ниҳоли мевадиҳанда**.

**МЕВАДОР** میوه‌دار дарахте, ки самар дорад, мевадиҳанда: **дарахти мевадор**.

**МЕВАЗОР** میوه‌زار боғ ё ҷое, ки дарахти мевадори зиёд дорад.

**МЕВАОВАР** میوه‌آور *ниг.* **мевадиҳанда**.

**МЕВАПАЗ** میوه‌پز : **мавсими мевапаз** мавсими пухта расидани меваи дарахтон.

**МЕВАПАРВАРӢ** میوه‌پروری соҳаи боғдорӣ, ки бо нигоҳубини дарахтони мева ва гирифтани ҳосили онҳо машғул аст: **хоҷагии мевапарварӣ**.

**МЕВАФУРӮШ** میوه‌فروش он ки мева мефурӯшад, фурӯшандаи мева.

**МЕВАФУРӮШӢ** میوه‌فروشی 1. *исми амал аз* **мева фурӯхтан**, ҷой ё бозоре, ки дар он мева мефурӯшанд. 2. касбу кори мевафурӯш: **мевафурӯшӣ кардан**.

**МЕВАХУШККУНАК** میوه‌خشک‌کنک гармхона ё дастгоҳе, ки дар он мева хушк карда мешавад.

**МЕВАХУШКОНӢ** میوه‌خشکانی амали хушк кардани мева (*дар ҳавои кушод ё дар мевахушккунак*).

**МЕВАЧИНӢ** میوه‌چینی *исми амал аз* **мева чидан**; амали чидани меваҳо аз дарахтон: **мевачинӣ кардан**.

**МЕВАҶОТ** میوه‌جات *ҷ.* **мева**.

**МЕГАВАТТ** *ю.* مگه‌وت *физ.* як миллион ватт.

**МЕГАФОН** *ю.* مگه‌فان *тех.* абзор барои баланд кардани овоз (*аз қабили карнайи махсуси дастӣ ва г.*)

**МЕҒ** میغ *кҳн.* 1. абри сиёҳ; абр, сахоб. 2. тумани ғализ, абр, саҳоб; туман.

**МЕҒОЛУД** میغ‌آلود ҳолати осмон ё ҳаво, ки дар онҳо абр ё туман дида мешавад, абролуд; туманолуд.

**МЕДАЛ** *фр.* مدل 1. нишони мудаввари филизии нақшдоре, ки барои тақдири хизмате ҳамчун мукофоти давлатӣ дода мешавад. 2. нишони махсус, ки барои комёбиҳои барҷаста дар соҳаи илму фан, барои бо баҳои «аъло» тамом кардани мактаби миёна, барои ғалаба

дар мусобиқаҳои варзишӣ *ва г.* дода мешавад: **медали тилло, медали нуқра, медали хизмати шоиста** (*мукофоти давлатӣ*), **бо ордену медалҳо мукофотонидан, мактаби миёнаро бо медали тилло ё нуқра тамом кардан**.

**МЕДАЛДОР** مدلدار бо медал мукофотонидашуда, бо медал сарфароз кардашуда; дар сари сина медал дошта.

**МЕДУЗА** *ю.* مدوزه *зоол.* ҷонвари баҳрии чатрмонанд, ки бозу ва панҷаҳои дарозаш баромада меистад.

**МЕЗАК** میزک *гуфт.,ниг.* **пешоб,** меза, шоша, гумиз; **мезак кардан** мезидан.

**МЕЗАКДОН** میزکدان *ниг.* **масона**.

**МЕЗИДАН** میزیدن *гуфт., ниг.* **шошидан**.

**МЕЗОЗОЙ** *ю.* مزازای : **давраи мезозой** *геол.* дар таърихи инкишофи Замин марҳалаи байни давраҳои палеозой ва кайнозой.

**МЕЛИОРАТСИЯ** *лот.* ملیارتسیه маҷмӯи тадбирҳо (*хушконидани заминҳои сернам, обёрӣ кардан ва г.*) оид ба киштбоб ва ҳосилхез кардани замин.

**МЕЛОД//МИЛОД** میلاد замони валодат, вақти зода шудан; рӯзи таваллуд; **мелоди Масеҳ** рӯзи таваллуди Исои Масеҳ–пайғамбари аҳли насоро, ки мабдаи солшумории мелодист; **то мелод** пеш аз солшумории мелодӣ: **асри 4-уми то мелод**.

**МЕЛОДРАМА** *лот.* ملادرمه *санъ.* асари драмавие, ки дар он воқеаи фоҷиаангез бо ҳиссиёти баланди муболиғанок ва оҳанги пандомез тасвир ёфтааст.

**МЕЛОДӢ//МИЛОДӢ** میلادی 1. *мансуб ба* **мелод**. 2. солшуморие, ки аз рӯзи мелоди Исои Масеҳ сар мешавад ва дар аксари мамлакатҳои ҷаҳон ҷорист.

**МЕМБРАНА** *лот.* ممبرنه парда–тунукаи нозуки филизӣ дар гӯшаки телефон *ва г.*, ки аз ларзиши он садо ба вуҷуд меояд.

**МЕНЕҶЕР** *англ.* منجیر *нав.* 1. мутахассиси соҳаи идораи истеҳсолот – менеҷмент. 2. *варз.* дар варзиши касбӣ шахсе, ки мусобиқаҳои варзишкоронро ташкил медиҳад.

**МЕНЕҶМЕНТ** *англ.* منجمنت *нав.* назарияву амалияи идораи истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот (*бо назардошти баланд бардоштани самаранокӣ ва афзоиши фоида*).

**МЕНИНГИТ** *ю.* مننگیت *тиб.* илтиҳоби пардаи мағзи сар; сарсом.

**МЕНШЕВИЗМ** *р.* منشویزم *таър.* ҷараёни ислоҳотхоҳии майдабуржуазӣ дар ҳизби коргарии сотсиалистӣ–демократии Русия, ки тарафдорони ин ҷараён ақаллиятро ташкил медоданд, ақаллиюн.

**МЕНШЕВИК** *р.* منشویک *таър.* пайрави меншевизм; узви ҳизби меншевикон.

**МЕНУ** مینو *ниг.* **мину**.

**МЕОД** میعاد *ниг.* **миод**.

**МЕРГАН** مرگن 1. тирандоз; тирандози моҳир. 2. шикорчӣ, сайёд.

**МЕРИДИАН** *лот.* مریدیئن *ҷугр.* хати тӯл, хати нисфуннаҳор; **меридиани Замин** хати доиравии тасаввурии кураи Замин, ки аз ҳар ду қутб мегузарад ва меридиани якум (*ё* сифрӣ) аз болои расадхонаи Гринвич (дар Лондон) гузашта, Заминро ба нимкураҳои шарқӣ ва ғарбӣ тақсим мекунад.

**МЕРИНОС** *ит.* میریناس 1. навъе аз зоти гӯсфанди маҳинпашм. 2. як навъи пашм.

**МЕРОС** *а.* میراث 1. он чи ба ирс мондааст, молу пуле, ки аз мурда ба ворисонаш мондааст: **мероси аз падар монда**. 2. ёдгориҳои маданӣ, адабӣ, меъморӣ *ва г.,* ки аз гузаштагон ба наслҳои оянда расидаанд: **мероси адабӣ** осори адабии гузаштагон; **мерос гузоштан** мерос мондан; **ба мерос гирифтан // мерос гирифтан** соҳиби мерос шудан.

**МЕРОСБАР** میراثبر *нав., ниг.* **меросхӯр**.

**МЕРОСБАРӢ** میراثبری *нав., ниг.* **меросхӯрӣ**.

**МЕРОСГИР** میراثگیر *ниг.* **меросхӯр**.

**МЕРОСГУЗОР** میراثگذار он ки аз худ мерос боқӣ мемонад, меросдеҳ.

**МЕРОСДЕҲ** میراثده *ниг.* **меросгузор**.

**МЕРОСДИҲАНДА** میراثدهنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **мерос додан**.

**МЕРОСӢ** میراثی ба мерос монда, ирсӣ, маврус: **замини меросӣ, ҳавлии меросӣ, чизу чораи меросӣ**.

**МЕРОСХӮР** میراث‌خور ворис, ирс- гиранда, он ки мерос ба ӯ мерасад.

**МЕРОСХӮРӢ** میراث‌خوری меросхӯр будан; соҳиби молу мулки меросӣ будан, меросгирӣ: **ҳаққи меросхӯрӣ доштан**.

**МЕТАЛЛ** *лот.* میتل *ниг.* **филиз**.

**МЕТАЛЛОГРАФИЯ** میتلاگرفیه илме, ки ба омӯхтани сохт ва хосияти физикии филизот ва хӯлаҳо машғул аст, филизшиносӣ.

**МЕТАЛЛУРГИЯ** *лот.* میتلورگیه соҳаи саноати вазнин оид ба тайёр кардани филизот; илми истеҳсоли саноатии филизот, оҳангудозӣ; **металлургияи ранга**, **металлургияи сиёҳ**.

**МЕТАЛЛУРГӢ** میتلورگی *мансуб ба* **металлургия**.

**МЕТАН** *фр.* میتن *хим.* газе, ки аз омехтаи карбон бо гидроген ҳосил мешавад ва сӯзандаю бебӯй аст, гази ботлоқӣ, гази кам.

**МЕТАФИЗИК** *ю.* میته‌فزیک олими соҳаи метафизика.

**МЕТАФИЗИКА** *ю.* میته‌فزیکه **1**. таълимоти фалсафӣ дар бораи асосҳои фавқуттабии ҳастӣ, ба таҷрибаи ҳиссӣ дастнорас будани ашё *ва г.* **2**. тарзи тафаккури ғайридиалектикист, ки ҳодисаҳои олами моддиро бидуни алоқамандӣ ва инкишофёбии онҳо баррасӣ мекунад.

**МЕТЕОР** *ю.* میتیار шиҳоб, ситораи паррон.

**МЕТЕОРИТ** *ю.* میتیاریت ҷисми физикии сангӣ ё филизӣ ва ё сангию филизӣ, ки аз фазо ба замин меафтад, пораи ситораи паррон, шиҳобпора.

**МЕТЕОРИТӢ** میتیاریتی *мансуб ба* **метеорит**: **борони метеоритӣ**.

**МЕТЕОРОЛОГИЯ** *ю.* میتیارالاگیه илм оид ба ҳодисаҳои фазои атрофи Замин ва пешгӯии обу ҳаво; обуҳавошиносӣ, ҳавошиносӣ.

**МЕТИЛ** *фр.* میتیل *хим.* моддае, ки аз як атоми карбону се атоми гидроген иборат аст; пасмондаи метан.

**МЕТИЛӢ** میتیلی *мансуб ба* **метил**: **спирти метилӣ** спирти аз чӯб (аррамайда) ҳосилшудаи захрнок, ки дар дорусозӣ ва техника истифода мешавад.

**МЕТИН** میتین кӯбаи оҳании нӯлғафс, ки бо он санг мешикананд ё аз кӯҳ маъдан меканананд; зоғнӯл.

**МЕТОД** *ю.* میتاد усули маърифат ва тадқиқи ҳодисаҳои табиат ва ҳаёти ҷамъиятӣ; маҷмӯи равишҳои тадқиқи назариявӣ ва ба амал татбиқ кардани онҳо, равиш.

**МЕТОДИКА** *ю.* میتادیکه маҷмӯи усулҳои таълими чизе ё иҷрои амали коре; **методикаи таълим** усули таълим, равишу омӯзиш.

**МЕТОДИСТ** *ю.* میتادیست мутахассиси усули таълими ягон фан, равишомӯз.

**МЕТОДӢ** میتادی *мансуб ба* **метод**; **дастури методӣ** дастур оид ба тарзу усули таълиму тадриси фанне.

**МЕТОДОЛОГИЯ** *ю.* میتادالاگیه таълимоти умумӣ дар бораи методу равишҳои илмӣ дар пажӯҳиши мавзӯъҳои ягон соҳаи илм.

**МЕТОДОЛОГӢ** میتادالاگی *мансуб ба* **методология,** оид ба методология: **семинари методологӣ**.

**МЕТР** *ю.* متر **1**. воҳиди андозагирии дарозӣ, ки ба 100 см баробар аст: **метри мураккаб, метри мураббаъ**. **2**. ҷадвал ё навори ба дарозӣ 100 см, ки барои андоза кардани чизе ба сантиметрҳо тақсим карда шудааст; метрчӯб.

**МЕТРАЖ** *ю.* مترژ **1**. дарозӣ ба ҳисоби метр. **2**. масоҳати хонаю ҷо ба ҳисоби метри мураббаъ.

**МЕТРӢ** متری *мансуб ба* **метр**.

**МЕТРО** *фр.* میترا як навъи нақлиёти мусофирбарии зеризаминӣ, ки аз вагонҳои ба ҳам васлшуда иборат аст, метрополитен.

**МЕТРОПОЛИТЕН** *фр.* میتراپالیتن роҳи оҳани зеризаминии шаҳрӣ, ки як навъи нақлиёти мусофирбарӣ ҳисоб мешавад.

**МЕХ** میخ милаи кӯтоҳи нӯгтези филизӣ ё чӯбие, ки бо он ду порчаи чӯбӣ ё филизиро ба ҳам васл мекунанд ё онро ба девор кӯфта, ҳар чиз меовезанд ва ё ба замин кӯфта чорворо ба он мебанданд; **мехи печдор** винт; **мех задан** мех кӯфтан ба ҷое (*мас., ба девор*); **мех кардан** мех зада маҳкам кардан (*чизеро*); ◊ **қоматаш мех барин рост** одами солими боқувват.

**МЕХАК** میخک **1**. *ниг.* **мехчагул**. **2**. доначаҳои хурди хушбӯй, ки аз ғунчаҳои буттаи мехча-

гул ҷамъ карда хушкондаанд ва онро кӯфта ба хӯрок ё шарбатҳо меандозанд.

**МЕХАНИЗАТОР** *р.* میخنیزتار 1. мутахассиси соҳаи механизатсия. 2. коргари ихтисосманде, ки мошину олоти механиконидаро идора ва нигоҳубин мекунад: **механизатори хоҷагии деҳқонӣ**.

**МЕХАНИЗАТОРӢ** میخنیزتاری касбу кори механизатор.

**МЕХАНИЗАТСИЯ** *ю.* میخنیزتسیه *ниг.* **механиконӣ**.

**МЕХАНИЗМ** *ю.* میخنیزم 1. сохти даруни мошин (*олат ё дастгоҳ*): **механизми соат**. 2. *маҷ.* сохт ё сохторе, ки тартибу қоидаи ягон соҳаи фаъолиятро муайян мекунад: **механизми давлатии идоракунӣ**.

**МЕХАНИК** *фр.* میخنیک 1. мутахассиси соҳаи механика. 2. он ки ба кор ва истифодабарии мошинҳо назорат ва роҳбарӣ мекунад.

**МЕХАНИКА** *ю.* میخنیکه 1. *физ.* соҳаи физика оид ба қонунҳои ҳаракати ҷисмҳо дар фазо ва қувваҳои ба амаловарандаи ин ҳаракат: **механикаи назариявӣ**. 2. *тех.* бахши техника, ки бо ҳалли вазифаҳои дар амал татбиқ кардани қонунҳои ҳаракати ҷисмҳо ва қувваҳои муҳассали он машғул аст: **механикаи сохтмон**.

**МЕХАНИКӢ** میخنیکی *мансуб ба* **механика**: **корхонаи механикӣ**, **қувваи механикӣ**.

**МЕХАНИКОНИДАН** میخنیکانیدن ба кори мошинӣ гузаронидани кори соҳае, бо мошину олоти механикӣ таҷҳизонидан, механикӣ кардан: **механиконидани деҳқонӣ**.

**МЕХАНИКОНӢ** میخنیکانی *исми амал аз* **механиконидан**; механизатсия.

**МЕХАНИТСИЗМ** *ю.* میخنیتسیزم *фалс.* як намуди тарзи метафизикии тафаккур ва дарки оламы моддӣ, ки қонуниятҳои мураккаби тараққиётро чун қонунҳои одии механика маънидод мекунад.

**МЕХГАРДОН** میخگردان асбоби оҳание, ки пойафзолро ба рӯи он монда мехчаҳояшро қат мекунанд; ◊ **мехгардон кардан** *гуфт.* аз ҷое ба ҷои дигар бурда бастани чорвои хонагӣ дар алафзор, ҷогардон кардан.

**МЕХӢ** میخی : **хати мехӣ** *таър.* навъи хатест, ки бо аломатҳои мехмонанд навишта мешуд ва ёдгориҳои хатии забони форсии бостон бо ин хат китобат шудааст (*мас., Катибаи Бесутун дар наздикии шаҳри Кирмоншоҳи Эрон*).

**МЕХКАШАК** میخکشک асбобе, ки бо ёрии он мехи кӯфтаро кашида мегиранд.

**МЕХКӮБ** میخکوب бо мех ба ҷое кӯфта маҳкам карда; ◊ **дар ҷои худ мехкӯб шудан** аз тарс ё ҳайрат дар як ҷо шах шуда мондани касе.

**МЕХКӮБӢ** میخکوبی *исми амал аз* **мех кӯфтан (мех задан)**.

**МЕХПАРЧ** میخپرچ милаи сусте, ки ҳангоми кӯфтан нӯгаш парчин мешавад.

**МЕХПАРЧИН** میخپرچین бо мех парчин кардашуда; **мехпарчин кардан** мехҳои зиёдро зада маҳкам кардан; меху милаҳои кӯтоҳи филизиро кӯфта ба ҳам васл кардан.

**МЕХСОЗ** میخساز устое, ки аз филизот ё аз чӯб меху мехчаҳо месозад.

**МЕХСОЗӢ** میخسازی касбу кори мехсоз; истеҳсоли мех.

**МЕХСУТУН** میخستون *нав.* ходае, ки дар ҷойҳои яхбаста ва ботлоқзор рост-рост ба замин мезананд, то ки ҳамчун поя ва таҳкурсӣ хизмат кунад.

**МЕХЧА** میخچه мехи хурди оҳанӣ ё чӯбӣ.

**МЕХЧАГУЛ** میخچه‌گل *бот.* гиёҳе, ки соқа - шохаҳои дароз ва дар нӯги шохаҳо гулҳои калони рангоранги сурху сафеду бунафш *ва г.* дорад; гули мехак.

**МЕХЧАКОРӢ** میخچه‌کاری мехчаҳои зиёдеро зада маҳкам кардани чизе ба чизи дигар.

**МЕХЧАОБАК** میخچه‌آبک *бот.* як навъи ангур.

**МЕХЧӮБ** میخچوب мехи чӯбӣ, мехи аз чӯб тайёршуда.

**МЕҲ** مه *кит.* калон, бузург, *муқоб.* **кеҳ**; **кеҳону меҳон** хурдону бузургон.

**МЕҲАН** میهن ватан, зодгоҳ.

**МЕҲАНДӮСТ** میهن‌دوست *ниг.* **ватандӯст**.

**МЕҲАНДӮСТӢ** میهن‌دوستی *ниг.* **ватандӯстӣ**.

**МЕҲАНӢ** میهنی *ниг.* **ватанӣ**.

**МЕҲАНПАРАСТ** میهن‌پرست *ниг.* **ватанпараст**.

**МЕҲАНПАРАСТӢ** میهن‌پرستی *ниг.* **ватанпарастӣ**.

**МЕҲАНФУРӮШ** میهن‌فروش *ниг.* **ватанфурӯш**.

**МЕҲАНФУРӮШӢ** میهن‌فروشی *ниг.* **ватанфурӯшӣ**.

**МЕҲБАРА** *а.* محبره сиёҳидон, давот.

**МЕҲВАР** *а.* محور 1. тире, ки чарх дар атрофи он давр мехӯрад; **меҳвари чархи ароба**, **меҳвари чарххои пеши мошин**, **меҳвари чархи ресмонресӣ**. 2. *ҷугр.* хати рости фаразӣ, ки як сари он ба қутби шимол ва сари дигараш ба қутби ҷануб пайвастааст ва Замин дар гирди он давр мезанад. 3. *маҷ.* марказ, асос; ◊ **меҳвари сӯҳбат** мавзӯи асосии сӯҳбат.

**МЕҲВАРӢ** محوری 1. *мансуб ба* **меҳвар**. 2. *маҷ.* марказӣ, асосӣ.

**МЕҲЗОР** *а.* مهذار *кит.* беҳудагӯй; ҳарзагӯй.

**МЕҲИН** مهین *кит.* калонтарин, бузургтарин; калон, бузург; **писари меҳин** писари калон (*дар синну сол*).

**МЕҲЛАБ** *а.* محلب *кит.* зарфи ширдӯшӣ, ширдӯша, хурма.

**МЕҲМОЗ** *а.* مهماز оҳани махсуси нӯгтез, ки ба ақиби пошнаи мӯза устувор карда, барои давонидани асп ба кор мебаранд, маҳмез.

**МЕҲМОН** مهمان//میهمان он ки ба хонаи каси дигаре омада аз тарафи соҳиби хона пазироӣ мебинад; **тоқати меҳмон надошт, хона ба меҳмон гузошт** (*зарб.*); **меҳмони нохонда** *ниг.* **нохонда; меҳмони туфайлӣ** *ниг.* **туфайлӣ; меҳмон кардан** касеро ба сифати меҳмон даъват кардан (*ба хонаи худ*), ҳамчун меҳмон пазироӣ кардан; **меҳмон шудан** ба сифати меҳмон ба хонаи касе рафтан, ҳамчун меҳмон дар ҷое воқеъ шудан; ◊ **меҳмони нав** тифли навзод.

**МЕҲМОНАК** مهمانک *гуфт.* *шакли тасғир ва навозишии* **меҳмон**.

**МЕҲМОНГУРЕЗ** مهمان‌گریز он ки меҳмонро хуб қабул намекунад, меҳмонро дар хонааш танҳо мемонад; он ки меҳмонро дӯст намедорад.

**МЕҲМОНДОР** مهماندار он ки меҳмонро пазироӣ ва парасторӣ мекунад; меҳмондӯст.

**МЕҲМОНДОРӢ** مهمانداری 1. пазироӣ ва парасторӣи меҳмон, қабули меҳмон; зиёфат барои меҳмонон. 2. меҳмоннавозӣ; **меҳмондорӣ кардан (намудан)** ба сифати меҳмон даъват карда зиёфат додан; меҳмоннавозӣ кардан.

**МЕҲМОНДӮСТ** مهماندوست он ки омадани меҳмонро дӯст медорад, меҳмонпарвар; меҳмоннавоз: **мардуми меҳмондӯст, мизбони меҳмондӯст**.

**МЕҲМОНДӮСТӢ** مهماندوستی меҳмондӯст будан; меҳмоннавозӣ.

**МЕҲМОНӢ** مهمانی ба сифати меҳмон омадан ё рафтан меҳмон ба ҷое; меҳмондорӣ, зиёфат: **ба меҳмонӣ бурдан (омадан, рафтан), ба меҳмонӣ даъват кардан (хабар кардан, хондан, чеғ задан)**.

**МЕҲМОНКАДА** مهمانکده *ниг.* **меҳмонхона**.

**МЕҲМОННАВОЗ** مهمان‌نواز меҳмондӯст; он ки меҳмонро нағз пазироӣ мекунад: **мардуми меҳмоннавоз; меҳмоннавоз будан**.

**МЕҲМОННАВОЗӢ** مهمان‌نوازی меҳмоннавоз будан, меҳмондӯстӣ.

**МЕҲМОННАВОЗОНА** مهمان‌نوازانه аз рӯи меҳмоннавозӣ, меҳмондӯстона: **муомилаи меҳмоннавозона, меҳмоннавозона истиқбол кардан (пешвоз гирифтан)**.

**МЕҲМОНПАЗИР** مهمان‌پذیر он ки меҳмон пазироӣ мекунад, пазирандаи меҳмон, мизбон.

**МЕҲМОНСАРО(Й)** مهمانسرا//مهمانسرای меҳмонхона: **меҳмонсарои ҳукуматӣ** иморати махсус барои иқомати меҳмонони ҳукуматӣ.

**МЕҲМОНХОНА** مهمانخانه 1. утоқи махсус барои пазироии меҳмонон; хонаи меҳмоннишини ҳар ҳавлӣ. 2. бинои бисёрхонадор дар шаҳрҳо барои истиқомати мусофирон.

**МЕҲНАТ** *а.* محنت 1. азоб, ранҷ, машаққат, заҳмат **меҳнат кашидан** азобу машаққат кашидан, дар азоб будан. 2. фаъолияти мақсаднок ва ба ҷамъият нафъовари инсон, ки ранҷу кӯшиши ақлонӣ ва ҷисмонӣ металабад; кор; **меҳнати вазнин (миёншикан, пурмашаққат, сахт, тоқатфарсо), меҳнати даст(а)ҷамъона, меҳнати деҳқонӣ, меҳнати зарбдорона, меҳнати фидокорона (бунёдкорона, шоён), меҳнати осоишта, меҳнати саҳро,**

**мо-** *а.* ما- *дар аввали калимаҳои сохта ва баъзе таркибҳои арабӣ омада, маънои* «чизе ки», «он чи ки»-ро *ифода мекунад*; **мобақӣ** он чи боқӣ мондааст; **моҳазар** он чи ҳозир аст!, **моҳасал** он чи ҳосил шудааст.

**МОБАЙН** *а.* مابین 1. байн, миён, байни ду кас ва ё ду чиз. 2. миёна, васат. 3. миёнаҷо, марказ; **дар мобайн** дар миёнаҷо; **аз мобайни..., аз миёни..., аз байни...; дар мобайни** ... а) дар байни..., дар миёнаи..., дар миёнаҷои... б) *киноятан* дар муносибати байни ду кас; ◊ **аз мобайн** аз он вақт, аз он фурсат; **дар ин мобайн** дар ин фосилаи вақт, дар ин фурсат, дар ин миён; **ба мобайн даромадан** *ниг.* **миёна** (*ба миёна даромадан*).

**МОБАЙНӢ** مابینی воқеъ дар мобайн, васатӣ.

**МОВАРО** *а.* ماوراء *кит.* он сӯ, он тараф.

**МОВАРОУННАҲРӢ** ماوراءالنهری *мансуб ба* **Мовароуннаҳр**; зода ва сокини Мовароуннаҳр.

**МОВУМАНӢ** ماومنی *кит.* манманӣ.

**МОВУТ** ماوت *аслаш* **моҳут**.

**МОҒ** I ماغ *ниг.* **қашқалдоқ**.

**МОҒ** II ماغ *кит.* бухори ғафсу тираи дар рӯи замин паҳншуда, меғ, туман.

**МОДА** ماده ҷинсе аз инсон, ки фарзанд ба дунё меоварад; ҷонзоте, ки мезояд ё тухм мегузорад, *муқоб.* **нар**; ҷинси занона, ҷинси муаннас.

**МОДАБУЗ** مادهبز бузи мода.

**МОДАГОВ** مادهگاو гови мода, гови ширдеҳ: **модагови дӯшой, модагови навзо, модагови нозо**.

**МОДАГУРГ** مادهگرگ гурги мода.

**МОДАНДАР** مادادر *кит. шакли кӯтоҳшудаи* **модарандар**.

**МОДАР** مادر 1. зан нисбат ба фарзанд (он)аш, волида. 2. калимаи муроҷиати эҳтиромона нисбат ба зани калонсол; ум(м), оча: **модари меҳрубон, модари мушфиқ, модари серфарзанд, модари фарзандони ман; модари ӯгай** *ниг.* **модарандар; модар шудан** фарзанд таваллуд кардан, соҳиби бача шудан; ◊ **модари айём//модари даҳр** замона, рӯзгор; **модари зори** *касеро* **нишон додан** ҷазои сазовори касеро додан, очаи зори касеро нишон додан; **модараш ҳоло назоидааст//аз модараш ҳанӯз нарӯидааст** ҳанӯз вуҷуд надорад, ҳоло ба вуҷуд наомадааст; **ба арвоҳи падару модар бахшидан** аз баҳри чизе гузаштан, чизеро садақа кардан.

**МОДАРАК** مادرک навдаи ҳосилдеҳи ток ва дигар дарахтони мевадор; *муқоб.* **нарак**.

**МОДАРАНДАР** مادراندر модари ӯгай.

**МОДАРАРӮС** مادرعروس модари зан нисбат ба домод, модарзан, хушдоман; ◊ **модарарӯсат нағз медидааст** вақти ба болои хӯрокхӯрӣ омадани касе гуфта мешавад.

**МОДАРБАХАТО** مادربهخطا *тахқ.* ҳаромзода, ҳаромӣ, валадуззино.

**МОДАРБАХАТОӢ** مادربهخطایی *тахқ.* 1. ҳаромзодагӣ. 2. фиребгарӣ, қаллобӣ.

**МОДАРБЕЗОР** مادربیزار он ки модарашро тарк кардааст, нохалаф, фарзанди ноқобил.

**МОДАРБУЗУРГ** مادربزرگ *кит.* модари модар ё модари падар.

**МОДАРВОР** مادروار монанди модар, чун модар, модарона.

**МОДАРЗАН** مادرزن *ниг.* **модарарӯс**.

**МОДАРЗОД** مادرزاد 1. аз модар таваллудшуда; бо нақсе ё фитрате аз модар таваллуд шудан; **кӯри модарзод** он ки нобино зоида шудааст; **лучи модарзод** тамоман луч, чунон ки аз модар нав зоида шуда бошад. 2. сифат ва хосияте, ки табиатан дар шахс зоҳир мегардад, фитрӣ дар ягон ҷиҳат: **истеъдоди модарзод**.

**МОДАРЗОДӢ** مادرزادی *мансуб ба* **модарзод**; **бемории модарзодӣ**.

**МОДАРӢ** مادری 1. *мансуб ба* **модар**; хоси модар: **ғурури модарӣ, ҳиссиёти модарӣ**. 2. модар будан; муносибати модарона: **модарӣ кардан**; ◊ **забони модарӣ** а) забоне, ки инсон аз кӯдакӣ аз модар ва атрофиёнаш ёд мегирад; б) фаннест, ки дар синфҳои ибтидоӣ барои баровардани саводи забонӣ ба талабагон меомӯзонанд.

**МОДАРКАЛОН** مادرکلان модари падар ё модари модар, момо, бибӣ.

**МОДАРМУРДА** مادرمرده *кит.* 1. он ки модараш вафот кардааст. 2. *маҷ.* бечора, ба азоби сахте гирифторшуда.

**МОДАРОВАРД** مادرآورد *кит., ниг.* **модарзод**.

**МОДАРОНА** مادرانه модарӣ, муносиби модар, модарвор: **меҳри модарона**.

**МОДАРСАГ** مادرسگ *таҳқ.* дар мавриди асабоният барои паст задан ва таҳқир кардани тарафи муқобил гуфта мешавад.

**МОДАРСОЛОРӢ** مادرسالاری *ниг.* **модаршоҳӣ**.

**МОДАРХОНД(А)** مادرخواند(ه) зане, ки ӯро фарзандони ғайр ба ҷои модар қабул мекунанд; зане, ки касе ӯро ба худ модар хондааст.

**МОДАРХУДО** مادرخدا *д.* унвони Марям-модари Исои Масеҳ (*дар таълимоти динии исавиён*).

**МОДАРШАВҲАР** مادرشوهر *ниг.* **модаршӯ(й)**.

**МОДАРШАҲР** مادرشهر *нав., маҷ.* шаҳрҳои бузурги як минтақа ё кишвар, ки дар атрофи худ шаҳрҳои хурд-хурди дигар доранд.

**МОДАРШОҲӢ** مادرشاهی *таър.* як шакли ҷамъияти ибтидоӣ, ки дар қабила зан ҳукмронӣ мекард, модарсолорӣ.

**МОДАРШӮ(Й)** مادرشو(ی) модари шавҳар нисбат ба арӯс; ◊ **хонаро бе модаршӯ ёфтан (дидан)** хилват ёфтан ҷоеро ва худсарӣ кардан.

**МОДАСАГ** مادهسگ 1. саги мода. 2. *таҳқ., маҷ.* фоҳиша.

**МОДАХАР** مادهخر хари мода, мочахар (*гуфт.*).

**МОДАШЕР** مادهشیر шери мода, модинаи шер: **модашери ғуррон**.

**МОДДА** I *а.* مادّه 1. чизи асосӣ, ки барои пайдоиш ва сохта шудани чизи дигар чун замина хидмат мекунад, материал; *муқ.* **мавод: моддаи захрдор, моддаҳои тарканда, моддаҳои химиявӣ**. 2. *физ.* чизи дорои вазн, ки фазоеро ишғол мекунад, материя. 3. *фалс.* ҳаюло.

**МОДДА** II *а.* مادّه 1. ҳар як аз бандҳои ягон қонун, низомнома, қарордод ва ҳуҷҷатҳои дигар, ки як нуктаи томро дар бар мегирад ва бо рақамҳо аз ҳам ҷудо карда мешавад, банд; радиф: **моддаи панҷуми қонун, моддаи хароҷоти баровард**. 2. мавзӯъ, матлаб, ки як қисми чизеро ташкил медиҳад; **моддаи луғавӣ** *збш.* ҳар як аз воҳидҳои забонӣ дар фарҳанги тафсирӣ *ва г.*, ки калидвожа, тафсири маъноҳои он ва дигар ҷузъҳоро дар бар мегирад; **моддаи таърих** *адш.* калима ё таркибе, ки аз ҷамъбасти қимати ададии ҳарфҳои арабиасоси он мувофиқи ҳисоби абҷад санаи воқеае ҳосил мешавад.

**МОДДИГАРОӢ** مادّیگرائی моддигаро будан; ашёпарастӣ, чизпарастӣ.

**МОДДИЮН** *а.* مادّیون *ниг.* **материалист**.

**МОДДИЯТ** *а.* مادّیت 1. *фалс.* аз модда (материя) иборат будан(-и олам); моддӣ будан, ибтидои материалӣ доштан. 2. *кит.* моҳият, асл.

**МОДДӢ** مادّی 1. *мансуб ба* **модда** I. 2. марбут ба чизу чораи зарури зиндагӣ, ашёӣ; **аҳволи моддӣ** дараҷаи таъминот бо чизу чораи зиндагӣ; **пойгоҳи моддӣ** таъминот бо чизҳои асосии мавриди зарурати анҷоми коре, сохтани чизе *ва г.*; **ёрии моддӣ** кумак бо чизу чораи зарурӣ; ёрии пулӣ; **олами моддӣ** *киноя аз* дунёи ҳастӣ *муқоб.* **олами маънӣ (маънавӣ); неъматҳои моддӣ** сарватҳои зарурии зиндагӣ; **тангии моддӣ** нарасидани чизу чораи зиндагӣ, тангии иқтисодӣ; **аз ҷиҳати моддӣ** вобаста ба чизу чора; аз ҷиҳати таъминот. 3. *кит.* шайъӣ: **далелҳои моддӣ**.

**МОДЕЛ** *фр.* مادل 1. нусха, тасвир, нақша ё намунаи хурди чиз, ки аз рӯи он чизеро бо теъдоди зиёд истеҳсол мекунанд: **модели ҳавопаймо**. 2. навъ ё намунаи сохти ягон мошин ва асбоби техникӣ; *муқ.* **тамға**.

**МОДЕЛСОЗ** مادلساز созандаи нусха, тасвир, нақша ё худ намунаи чизе (*барои намоиш, таҳқиқ ё истеҳсол*).

**МОДЕЛСОЗӢ** مادلسازی сохтан ва омӯхтани намунаҳои ашё ва ҳодисаҳои воқеӣ барои намоиш, омӯзиш ва таҳқиқи онҳо.

**МОДЕРНИЗМ** *фр.* مادرنیزم ҷараёни эҷодӣ дар

санъат ва адабиёти як-ду асри охир.

**МОДЕҲ** *а.* مادح *ниг.* **маддоҳ**.

**МОДИЁН** مادیان ҷинси модинаи асп, байтал.

**МОДИНА** مادینه ҷинси мода, мансуб ба ҷинси мода (ҳайвон), *муқоб.* **нарина**.

**МОДОМ** *а.* مادام **:модом ки…** азбаски…, бинобар он ки…, чун; вақте ки…

**МОДУЛ** *лот.* مادول 1. сохт, меъёр, воҳиди шартӣ барои андозаи қисмҳои боло. 2. *риёзӣ.* бузургии мутлақи ададӣ, маҷмӯӣ.

**МОЕЙ** مایعی ҳолати обакӣ, моеъ будан.

**МОЕЪ** *а.* مایع ҷисми равон (*монанди об, равған…*), обакӣ: **ҷисмҳои моеъ**.

**МОЗ** ماز *кит.* чин, шиканҷа.

**МОЗӢ** *а.* ماضی *кит.* гузашта, пешина: **феъли мозӣ** *грам.* феъли замони гузашта.

**МОЗОД(А)** مازاد(ه) *кит.* боқимонда, зиёдатии чизе.

**МОЗУ** مازو *кҳн.* донаи гирди хордори дарахт, ки дар дибоғати пӯст ва рангрезӣ ба кор меравад.

**МОИДА** *а.* مائده *кит.* дастархони пур аз нозу неъмат, дастархони пурнеъмат; дастархон, суфра.

**МОИЛ** *а.* مائل//مایل 1. хамида ба тарафи чизе. 2. майлдор, рағбатдор; шавқдор ба чизе ё касе; **моил будан** майл доштан, роғиб будан. 3. наздик ба чизе; **моил шудан** наздик шудан; рағбат пайдо кардан; таваҷҷӯҳ доштан; **моил кардан** майл кунондан; кашидан, ҷалб кардан.

**МОИНДАР** مایندر *ниг.* **модарандар**.

**МОӢ** مایی мову манӣ, худбинӣ, кибру ғурур.

**МОК** ماک **:хоку мок** *кит.* а) хоку замин; б) *маҷ.* дунё.

**МОКИЁН** ماکیان модинаи мурғи хонагӣ ва дигар парандаҳо: **мокиёни курк**.

**МОКУ** ماکو олати бофандагӣ, ки вақти бофтан пудро аз байни тор гузарондан мегирад; **монанди моку рафтуомад кардан** муттасил дар рафтуомад будан.

**МОҚАБЛ** *а.* ماقبل он чи пеш буд, пешина, гузашта, муқаддам.

**МОҚУТ** ماقوت ширини̇е, ки аз нишоста ва қанду равған тайёр мешавад, полуда.

**мол** مال *асоси замони ҳозира аз* **молидан**.

**МОЛ I** مال молиш; масҳ; **хору мол кардан** молиш додан; сила кардан, навозиш кардан.

**МОЛ II** *а.* مال 1. дороӣ, сарват; мулк; **моли** …, мулки…, аз они… 2. *иқт.* ҳар чизи моддии арзишдошта, ки барои қонеъ кардани талаботи инсон, фурӯш ё мубодила истеҳсол мегардад; маҳсули меҳнат. 3. чизҳои истеҳсолшуда (*аз қабили* ашёи саноатӣ), ки хариду фурӯш мешавад, колои фурӯхтанӣ: **моли арзон, моли сермасриф, мағозаи молҳои арзон, молу мулк; моли бесоҳиб**. **моли манқул** *ниг.* **манқул**; **моли саноат(ӣ)** моли баровардаи саноат *аз қабили* газвор *ва г.* **моли хом** ашёи барои кори саноат зарур; **молу мулк** боигарӣ, сарвати манқул ва ғайриманқул; **молу ҳол** чизу чора, молу мулк; **моли** *касе* **шудан** аз они касе шудан, ба ихтиёри касе даромадани чизе; **моли худ кардан** соҳибӣ кардан, аз они худ кардан (*чизи каси дигарро*); 4. чорпои хонагӣ: чорпо; **молҳои сиёҳ** гову барзагов, гову гӯсола; **бозори мол** бозори харидуфурӯши ҳайвоноти хонагӣ; ◊ **мол кардан** *таър.* а) муайян кардани ҳаҷми андоз аз замини кишт; б) *ниг.* **молу гов кардан**; **молу гов кардан** чорводорӣ кардан, ба молдорӣ машғул шудан.

**МОЛА I** ماله 1. *кишов.* тахтаи бедандона ё сихдори аз чӯб ё оҳан сохта, ки онро ба ҷуфт ё трактор баста замини шудгорро ҳамвор мекунанд; **мола кардан (задан, кашидан)** бо мола ҳамвор ва нарм кардан (*заминро*). 2. лифи оҳардиҳии бофандагон.

**МОЛА II** ماله пур, моломол, лабрез.

**МОЛАКАШӢ** ماله‌کشی *исми амал аз* **мола кашидан**; бо мола ҳамвор кардани замини шудгоршуда ва кулӯхҳои онро майда кардан, сихмола кардан..

**МОЛАК-МОЛАК** مالک‌مالک *исми амал аз* молишдиҳӣ; **молак-молак кардан** паси ҳам молиш додан.

**МОЛАКУНӢ** ماله‌کنی *исми амал аз* **мола кардан;** сихмола;

**МОЛАНДӮЗ** مالاندوز он ки хоҳони ҷамъоварии

сарвату мол аст, молғундор.

**МОЛГИРАНДА** مالگیرنده гирандаи мол; қабулкунандаи моли оварда ё фиристода.

**МОЛГУЗОР** مالگذار *кит.* диҳанда ва пардохтгари боҷу хироҷ.

**МОЛГУЗОРӢ** مالگذاری *кит.* боҷу хироҷдиҳӣ, андозсупорӣ.

**МОЛҒУНДОРӢ** مالغنداری ҷамъ кардани молу чиз; ҷамъ кардани сарват.

**МОЛДОР** مالدار 1. доро, давлатманд; соҳиби молу мулк. 2. соҳиби чорво; чорвопарвар.

**МОЛДОРӢ** مالداری 1. сарватдорӣ, давлатмандӣ. 2. соҳиби чорво будан; парвариши чорпо.

**МОЛДӮСТ** مالدوست молпараст, сарватхоҳ.

**МОЛЕКУЛА** *лот.* مالیکوله хурдтарин ҳиссаи модда, ки ҳамаи хусусиятҳои асосии химиявии он моддаро дорад.

**МОЛЕКУЛАВӢ** مالیکولوی *мансуб ба* **молекула**: **вазни молекулавӣ, химияи молекулавӣ**.

**МОЛЕКУЛӢ** مالیکولی *ниг.* **молекулавӣ**.

**МОЛИБДЕН** *ю.* مالیبدن *хим.* навъи филизи сахти нуқрагини дурахшон.

**МОЛИДА** مالیده *сифати феълии замони гузашта аз* **молидан**; **молида-молида** якзайл молиш дода.

**МОЛИДАН** مالیدن 1. чизеро бо даст молиш додан, бо даст судан. 2. молиш додани аъзои бадан бо даст, масҳ. 3. чизеро ба рӯи чизе молондан (*то ки он чиз бар рӯи чизи дигар паҳн гардад*): **марҳам молидан ба ҷароҳат, сурхӣ молидан ба лаб, ӯсма молидан ба абрӯ; равған молидан** рӯи чизеро пӯшондан бо қабати тунуки равған: **ба рӯи нон равғани маска молидан**.. 4. *маҷ.* гӯшмол ва танбеҳ додан, сарзаниш кардан, ҷазо додан: *чизеро* **ба чашм молидан** а) чизеро ба пеши чашм оварда, онро рӯи чашм кашидан; б) чизеро хеле азиз доштан; ◊ **ба лаб кулӯх молида гаштан** кореро карда, худро бехабар вонамуд кардан.

**МОЛИДАНӢ** مالیدنی *сифати феълии замони оянда аз* **молидан;** ҳар чизи қобили молидан ба рӯи чизе.

**МОЛИЁТ** مالیات 1. *кит.* андоз: хироҷ, боҷ. 2. *таър.* навъи андоз аз замини кишт.

**МОЛИК** *а.* مالک 1. мулкдор, соҳиби мулку замин; доро, давлатманд. 2. соҳиб, хӯҷаин; **молики** *чизе* **шудан** соҳиби чизе шудан, чизеро ба тасарруфи худ даровардан; **молик будан** соҳиб будан, чизеро дар ихтиёр доштан; **ба аҳамияте молик будан** дорои аҳамияте будан, аҳамият доштан; ◊ **молики дӯзах** *д.* фариштае, ки мутобиқи ривоёти динӣ дарбони дӯзах аст.

**МОЛИКИЯТ** مالکیت молу мулк, ки дар тасарруфи касе, ё идорае бошад; **моликияти давлатӣ** он чи дар тасарруфи давлат аст, молу мулки мутааллиқ ба давлат; **моликияти хусусӣ (шахсӣ)** молу мулки мутааллиқ ба як кас; **моликияти ҷамъиятӣ** молу мулки хоси ҷамъият, моликияти умумӣ.

**МОЛИКИЯТПАРАСТ** مالکیتپرست мулкпараст, аз ҳад зиёд ҳариси молу мулк; чизпараст.

**МОЛИКИЯТПАРАСТӢ** مالکیتپرستی мулкпарастӣ, аз ҳад зиёд дӯст доштани молу мулк; чизпарастӣ.

**МОЛИКӢ** مالکی *кит.* 1. соҳибӣ, хӯҷаинӣ. 2. *д.* посбонӣ, дарбонӣ дар дӯзах.

**МОЛИКОНА** مالکانه 1. *ниг.* **молиёт**. 2. *хӯр.* навъи ҳалво, ки аз орди биринҷ ва мағзи бодом тайёр мекунанд.

**МОЛИМАРДУМХӮР** مالمردمخور ғосиби моли мардум; ҳаромхӯр, ҳақимардумхӯр.

**МОЛИМАРДУМХӮРӢ** مالمردمخوری аз худ кардани моли мардум; ҳаромхӯрӣ, ҳаққимардумхӯрӣ.

**МОЛИХУЛИЁ** *ю.* مالیخولیا 1. бемории рӯҳиест, ки боиси хаёлоти воҳимаангез мешавад, бемории савдоӣ. 2. *маҷ.* суханҳои сафсатаи парешон ва дардисаровар.

**МОЛИШ** مالش *исми феълӣ аз* **молидан**; бо даст молидан чизеро; соиш; **молиш додан** а) молидан, муштмол кардан. б) *маҷ.* гӯшмол додан, танбеҳ додан, ҷазо додан; **молиш хӯрдан** молида шудан, сунбида шудан; таги по шудан.

**МОЛИШГАР** مالشگر масҳгар; ходими ҳаммом.

**МОЛИШДЕҲ** مالشده *кит.* 1. гӯшмолдиҳанда, танбеҳкунанда, таъқиб-кунанда, ҷазодиҳанда. 2. зеру забар ва нобудкунанда.

**МОЛИЯ** *а.* مالیه маҷмӯаи воситаҳои пулӣ ва

муомилоти давлат; **вазорати молия** вазорате, ки вазифаи ҳисобгирии даҳлу харҷи давлат, тақсимоти воситаҳои пулӣ ва таъминоти пулии сохторҳои давлатиро дар зимма дорад; **идора (ё шӯъба)-и молия** идора ё шӯъбае, ки масъули ба роҳ мондани фаъолияти молиявии муассисаҳои давлатӣ, ҳукуматҳои шаҳру ноҳияҳо ба зиммаи он гузошта шудааст.

**МОЛИЯВӢ** مالیوی *мансуб ва оид ба* **молия**; **нақшаи молиявӣ** нақшаи корҳои марбут ба молия.

**МОЛИЯТ** *а.* مالیت *кит.* 1. доройӣ, сарват; пул, нақдина. 2. *ниг.* **молиёт**.

**МОЛӢ** مالی 1. *мансуб ба* **мол**: **истеҳсоли молӣ**. 2. *мансуб ба* **молия**; молиявӣ.

**МОЛОКАЛОМ** *а.* مالاکلام *кит.* он чи бо калом ифода намешавад; ғайри қобили тавсиф, баённопазир.

**МОЛОМОЛ I** مالامال молиши зиёд; соиш, молиш.

**МОЛОМОЛ II** مالامال пур, пуропур, лаб ба лаб.

**МОЛОН** مالان дар ҳоли молидан, ҷараёни молидан.

**МОЛОНДАН** مالاندن *шакли бавоситаи* **молидан**, ба даст ё чизи дигар чизеро молидан ё ҳамвор кардан.

**МОЛПАРАСТ** مالپرست ҳарис ба молу чиз; чизпараст.

**МОЛПАРАСТӢ** مالپرستی ҳарис будан ба молу чиз; чизпарастӣ.

**МОЛПАРВАР** مالپرور он ки бо парвариши чорпои хонагӣ машғул аст, нигоҳубинкунандаи чорпо.

**МОЛПАРВАРӢ** مالپروری парвариши чорпои хонагӣ, нигоҳубини чорпо.

**МОЛФУРӮШ** مالفروش он ки мол мефурӯшад, фурӯшандаи чорпои хонагӣ.

**МОЛФУРӮШӢ** مالفروشی фурӯши чорпо; шуғли молфурӯш.

**МОЛХАРӢ** مالخری хариди чорпо.

**МОЛХОНА** مالخانه бино ё хонаи нигоҳубини чорпо, оғил.

**МОЛҶАЛЛОБ** مالجلاب он ки молро арзон харида қимат мефурӯшад; ҷаллоби чорпо; *муқ.* **аспҷаллоб, говҷаллоб**.

**МОЛҶАЛЛОБӢ** مالجلابی шуғли молҷаллоб; хариду фурӯши мол бо мақсади ба даст овардани фоида.

**МОЛШИНОС** مالشناس 1. он ки моли сараву носараро мешиносад. 2. мутахассиси соҳаи молшиносӣ.

**МОЛШИНОСӢ** مالشناسی *иқт.* соҳаи илм оид ба савдо, ки хусусияти молҳои фурӯшӣ, навъи онҳо ва талаботи аҳолиро меомӯзад.

**МОМ** مام модар, волида; ◊ **моми даҳр** дунё; рӯзгор, зиндагӣ.

**МОМА** مامه *ниг.* **момо**.

**МОМАК** مامک *шакли тасғир ва навозиши* **мом**.

**МОМИРОН** مامیران *кит., бот.* гиёҳи алафӣ, худрӯй, аз хонаводаи хашхош, дорои гулҳои зард буда, хусусияти дармонӣ (*махсусан барои саратон*) дорад.

**МОМО** ماما 1. модаркалон; модари модаркалон. 2. momodoя, қобила. 3. *калимаи мурочиати эҳтиромона нисбат ба зани калонсол*; ◊ **гули момо** *ниг.* **момогул**.

**МОМОГУЛ** ماماگل *бот.* навъи гиёҳ, ки гулҳои зангӯламонанди гуногунранг дорад.

**МОМОДОЯ** مامادایه 1. зане, ки вақти зоидани зани ҳомила бачаи ӯро мегирад, қобила. 2. парастори тиббӣ, ки ҳангоми таваллуд кардани занҳо ба онҳо ёрии тиббӣ мерасонад.

**МОМОДОЯГӢ** مامادایگی кор ва шуғли момодоя.

**МОМОӢ** ماماگی 1. *ниг.* **момодоягӣ**. 2. соҳаи тиб, ки ҷараёни ҳомиладорӣ ва тарзу усулҳои дурусти таваллудро меомӯзад.

**МОМОҶУРҒОТАК** ماماجرغاتک як навъ парандаи хурди серҳаракат.

**МОМРОЗ** مامراز *бот.* як навъи дарахти баланди соядӯст, ки баргҳои байзашакл дорад.

**мон** مان *асоси замони ҳозира ва феъли фармоиш аз* **мондан**; *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* мондан: **алавмон**; созандаи исми масдар: **дудмон**, **сохтмон**; сифатсоз: **шодмон** *ва г.*

**МОН** مان *кит.* хона, ҷои истиқомат, хонумон, хона ва асбобу анҷоми он.

**МОНАВӢ** مانوی *кит.* 1. *мансуб ба* **Монӣ** (*наққоши машҳури а.* III, *муаллифи китоби «Аржанг», ки даъвои пайғамбарӣ намуда, афкори зардуштӣ, яҳудӣ ва исавиро ба ҳам омехта, ойине ба вуҷуд овардааст*). 2. *маҷ.* бо маҳорати зиёд эҷодшуда, моҳирона иҷрошуда. 3. пайрави оини Монӣ.

**МОНАВИКИРДОР** مانوی‌کردار *кит.* моҳир, устои суратгари соҳибмаҳорат.

**МОНАНД** مانند шабеҳ, мисл, ҳамчун: **монанди аввала** пештара барин; **монанди** *касе* (*чизе*) а) мисли касе (чизе), шабеҳи касе (чизе); б) ҳамчун касе (чизе), касе (чизе) барин; **монанд будан** шабоҳат доштан; **монанд кардан** назири касе (чизе) пиндоштан, ташбеҳ кардан чизеро ба чизе; **мислу монанд надоштан** беназир будан, шабеҳ надоштан.

**МОНАНДӢ** مانندی якхела ё ба ҳамдигар наздик будани намуди зоҳирӣ ё сифати ду чиз ё ду кас, шабоҳат, шабеҳӣ: **монандӣ доштан** монанд будан, шабоҳат доштан.

**МОНАРХИЗМ** *ю.* مانرخیزم *с.* равияи сиёсие, ки яккаҳокимиятӣ ва ҳокимияти мутлақи шоҳиро шакли ягонаи ҳокимияти давлатӣ мешуморад, яккасолорӣ, шоҳпарастӣ.

**МОНАРХИСТ** *ю.* مانرخیست *с.* тарафдор ва пайрави монархизм, шоҳпараст.

**МОНАРХИЯ** *ю.* مانرخیه *с.* шакли ҳукмрониест, ки дар он ҳокимият ба дасти як нафар (шоҳ) қарор гирифтааст, ҳокимияти мутлақа (шоҳӣ).

**МОНДА** مانده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **мондан** I; бақия, боқӣ, боқимонда. 2. хаста, сусту лакот, аз кор ё машғулияте кӯфташуда; **монда кардан** хаста кардан, сусту лакот кардан, кӯфта кардан; **монда шудан** а) сусту лакот шудан, шалпар шудан, кӯфта гардидан (*аз сахтӣ ё аз бисёрии кор*); б) ниҳодан, гузошта шудани чизе дар ҷояш; ◊ **феъли монда** *грам.* феъле, ки амали он ба мафъул намегузарад (*яъне мафъул надорад*), феъли лозим, *муқоб.* **феъли гузаранда**; **омадан, хобидан...**; **монда нашавед! //мондаҳо!, хаста набошед!** (*дар вақти кор карда истодани касе барои рӯҳбаланд кардан гуфта мешавад*); **аз ин мондаву аз он ронда** (*мақ.*) дар як вақт ба ду қарор расидан хоста, ё аз пайи иҷрои ду коре шуда, ба ҳеҷ яки он муваффақ нашудан.

**МОНДАГӢ** ماندگی 1. *шакли дигари сифати феълии замони гузашта аз* **мондан**; монда. 2. боқимонда, бақия. 3. монда шудан, хастагӣ, шалпарӣ, кӯфтагӣ (*аз сабаби кору машғулияти сахт ва бисёр*); **мондагии худро баровардан** дам гирифтан, кӯфтагиро баровардa қувват гирифтан; ◊ **дар (ба) кӯча мондагӣ** бекасу кӯй, бесоҳиб.

**МОНДАГОР** ماندگار *нав.* он ки ё он чи муддати тӯлонӣ ё бардавом боқӣ мемонад; бодавом, пойдор, монданӣ, **мондагор шудан** дар ҷое мондан, муқим шудан; **чеҳраи мондагор**.

**МОНДАГОРӢ** ماندگاری *нав.* вазъ ва ҳолати мондагор, пойдорӣ ва субот.

**МОНДАКУНАНДА** مانده‌کننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **монда кардан**. 2. хастакунанда, сусту шалпаркунанда, касолатовар.

**МОНДАН** I ماندن 1. гузоштан, ниҳодан; ҷо кардан. 2. шинондан, насб кардан. 3. таъйин кардан. 4. боқӣ будан, бозмондан. 5. сарфи назар кардан, даст кашидан аз коре. 6. истодан, ист кардан, будан, иқомат кардан. 7. қатъ шудан; бозистодан. 8. вогузоштан, ҳавола кардан, ба ихтиёри касе гузоштан. 9. иҷозат додан, раъй додан, имкони иҷрои кореро додан. 10. *дар таркиби ибораҳои феълиҳолӣ омада маъноҳои* тасодуфан иҷро шудани амал, оғоз ва устувор гаштани амалеро ифода мекунад: **дида мондан, омада мондан, зада мондан, шуда мондан;** ◊ **ақиб мондан** *ниг.* **ақиб (мондан); бурут мондан** бурутро натарошида дароз кардан, мӯйлаб гузоштан; **гурусна мондан** гурусна шудан, гушна шудан; **дер мондан** таъхир карда омадан, дер кардан; **зинда мондан** а) дар ҳаёт будан, намурдан; б) *кит.* пойдор будан, ҷовид будан; **имзо мондан** имзо гузоштан, имзо кардан; **қадам мондан** *ниг.* **қадам(-мондан); нарх мондан** баҳои чизеро таъйин кардан, нарх гузоштан; **ошён мондан** ошён гузоштан; маскан сохтан; **пойдор мондан** поянда будан, ҷовид будан, абадӣ боқӣ мондан; **тифл мондан аз падару модар** дар айёми кӯдакӣ аз падару модар маҳрум шудан; **хомӯш мондан** хомӯш шудан, сукут кардан; **ҳайрон мондан** ҳайрон шудан, тааҷҷуб кардан; **аз кор мондан** а) *ниг.* **кор (аз кор мондан)**; б) корро қатъ кардан, аз кор даст кашидан; **аз об мондан** бе

об мондан, обёрӣ нашудан; **аз ҳосил мондан** ҳосилдиҳиро бас кардан, дигар ҳосил надодан; **аз шир мондан** ширдиҳиро бас кардан, дигар шир надодан(*-и модагов*); **ба зиммаи** *касе* **мондан** ӯҳдадор кардан, вазифадор кардани касе ба коре; **дар хиҷолат мондан** хиҷил шудан, шарм доштан аз кори худ; ◊ **мондан гиред** ҳоҷат ба баён (эзоҳ) нест; **гап (дар) ҳамин ҷо монад** гап берун набарояд, гап (*ё сирре*) дар байни мардум паҳн нашавад; **аз сарат монад!** бало ба паси чизат!, **аз худатон гап намемонад** худатон мефаҳмед; **ба ту кӣ мондааст?** туро ба ин кор чӣ кор? (*дар мавриди ба касе раво надидани амале гуфта мешавад*); **ба ҷону ҳолаш намонда** бо исрори бисёр, маҷбуран; аз ҷон безор карда.

**МОНДАН** II ماندن монанд (шабеҳ) будан, шабоҳат доштан, монанда.

**МОНДАНӢ** ماندنی **:монданӣ надоштан** баробар будан, ҳампояву ҳамвазн будан (*бо касе*).

**МОНДАШАВӢ** ماندهشوی *исми амал аз* **монда шудан**; кӯфта шудан, хаста шудан, шалпар шудан (*аз кори бисёр ё сахт*).

**МОНДАШУДА** ماندهشده *сифати феълии замони гузашта аз* **монда шудан**; хасташуда, кӯфташуда, лакоту шалпаршуда.

**МОНЕА** *а.* مانعه боздоранда; он чи барои пешрафт халал мерасонад. 2. садди сари роҳ, ғав.

**МОНЕЙ** مانعی монеъ будан; садди роҳ шудан.

**МОНЕЪ** *а.* مانع 1. манъкунанда, боздоранда. 2. монеа, садд, монеъ омадан, *ниг.* **монеъ шудан**; **монеъ шудан** боздоштан, мамониат кардан, садди роҳ шудан.

**МОНИДА** مانیده *кит.* боқимонда, боқигузошта.

**МОНИДАН** مانیدن *кит.* 1. ба ҷо гузоштан, боқӣ гузоштан. 2. монанд будан, монистан, мондан II

**МОНИЗМ** *ю.* مانیزم *фалс.* равияи фалсафӣ, ки бар хилофи дуализм асоси дунёро як мабдаъ (модда ё рӯҳ) мешуморад.

**МОНИҚАЛАМ** مانیقلم *маҷ.* наққоши моҳир, рассоми соҳибҳунар (*масли Монӣ*).

**МОНИСТ** *ю.* مانیست тарафдори равияи монизм.

**МОНИСТАН** مانستن *ниг.* **монидан**.

**МОНИСТӢ** مانیستی *фалс., мансуб ба* **монизм**, алоқаманд ба монизм.

**МОНИТОР** *англ.* مانیتار *итт.* оина барои тасвир кардани иттилооти матнӣ ва хаттӣ дар компютер, ки ба истифодаи нурҳои электронӣ асос ёфтааст.

**МОНИЯ** مانیه *кит.* асбобу анҷоми хона.

**МОНО** مانا монанд, шабеҳ; **моно, ки ...** монанд аст ба он, ки; гӯё, пиндорӣ.

**МОНОГРАММА** *ю.* ماناگرمه ҳарфҳои аввали хаттотона ва печдарпеч навишташудаи номи худ ва номи хонаводагии рассомон, бахияздӯзон ва *м. инҳо* дар зери асарҳояшон, туғро.

**МОНОЛОГ** *ю.* مانالاگ *адш.* нутқи як қаҳрамони драма, ки тавассути он андешаҳои лирикию фалсафӣ ва нуктаи назари хешро ба худ ё барои тамошобинон изҳор менамояд, *муқоб.* **диалог**.

**МОНОНДАН** مانانیدن *тарзи бавоситаи феъли* **мондан; имзо динондан** имзо кунонидан; **мавқуф монондан** иҷрои кореро ба вақти дигар гузоштан. 2. нигоҳ доштан, боздоштан, мавқуф гузоштан.

**МОНОПОЛИЗМ** *ю.* ماناپالیزم *иқт.* 1. мавҷудияти инҳисор дар иқтисоди давлат. 2. тамоюли дар дасти иттиҳодияи алоҳида муттаҳид кардани истеҳсолот ва дигар соҳаҳои иқтисоди давлат, инҳисоргарой.

**МОНОПОЛИСТ** ماناپالیست *иқт.* соҳиби инҳисор ва мутлақи ягон соҳа, инҳисор кардан, инҳисоргаро, инҳисоргар.

**МОНОПОЛИСТӢ** ماناپالیستی *мансуб ба монополия*, инҳисорӣ; сармоядории инҳисорӣ.

**МОНОПОЛИЯ** *ю.* ماناپالیه 1. ҳуқуқ ва имтиёзи фавқулода. 2. иттиҳодияи сармоядорон, ки ба андухти аз ҳад зиёди сармоя қарор гирифта, ба ягон соҳаи иқтисодиёт ҳукмфармой карда, фоидаи калон мерӯёнад; **монополия кардан** ҳуқуқ ва имтиёзи фавқулодаи ягон соҳаро ба даст даровардан, инҳисор кардан.

**МОНОТЕИЗМ** *ю.* ماناتئیزم *д.* эътиқод, ки ба тасаввурот дар бораи худои ягона асос ёфтааст; тавҳид, яккахудой, такхудой.

**МОНТАЖ** *фр.* مانتژ 1. *тех.* ба ҳам васл кардани қисмҳои мошин ва таҷҳизот ва насб кардани онҳо, васлу насб; **монтажи крани борбардор,**

**монтажи турбинаҳои нерӯгоҳ**. 2. *санъ.* аз қисмҳои алоҳида ба тарзи интихоб тартиб додани як филми том дар кино, намоиш дар телевизион, гуфтор дар радиошунавонӣ *ва г.*: **монтажи филм, монтажи адабии мусиқавӣ, монтаж кардан, мутахассиси монтажкунандаи чизе**.

**МОНУГИР** مانوگير 1. бо таваққуф, бо танаффус; гоҳ истода, гоҳ давом карда. 2. бо навбат, яке аз паси дигаре.

**МОНУМЕНТАЛӢ** مانومينتلى :**санъати монументалӣ** як намуди санъат, ки ба он муҷассамаву ҳайкалсозӣ, нақшу нигори биноҳо *ва м.* инҳо шомил аст.

**МОР** مار *зоол.* ҷонвари хазандаи дорои бадани дарозу бидуни пою даст, ки заҳрдору безаҳр мешавад; заҳрдораш бо нӯги дандонҳояш заҳр мезанад: **мори ало, мори афъӣ, мори гурза, мори кубро, мори обӣ**; ◊ **бо сухани ширин мор аз хонааш мебарояд**; **соли мор** соли шашум аз солшумории дувоздаҳгонаи мучал (*бо номи ҳайвонот*).

**МОРАТОРИЯ** *лот.* مارتاريه дароз кардани мӯҳлати пардохтҳо аз ҷониби ҳукумат бо ягон сабаби фавқулода (*ҷанг, обхезӣ, зилзила ва г.*); ба мӯҳлати номуайян ё муайян боздоштани амали чизе: **мораторияи ҳукми қатл, мораторияи барои идома надодани истеҳсоли силоҳи ҳастаӣ**.

**МОРАФСО** مارافسا *кит.* он ки бо афсунгарӣ морро ба худ ром мекунад; морбоз.

**МОРАФСОӢ** مارافسايى *кит.* амали морафсо; бо афсунгарӣ ба худ ром кардани мор; морбозӣ.

**МОРБАЧА** ماربچه 1. бачаи мор; мори хурд. 2. *таҳқ., маҷ.* бадзот, бадҷинс, палид, хабис; фиребгар, қаллоб; ◊ **аз мор морбача мебарояд** (*мақ.*) дар мавриди одамони бадзоту бадҷинс ва қаллобу фиребгар гуфта мешавад.

**МОРБОЗ** مارباز он ки морро афсун карда, бозӣ медоронад.

**МОРБОЗӢ** مارบازى амали морбоз; морро бо сеҳру афсун ром карда бозӣ доронандан.

**МОРВОР** ماروار ба монанди мор, шабеҳи мор, мормонанд: **морвор печутоб хӯрдан**.

**МОРГ** *фр.* مارگ *ниг.* **сардхона**.

**МОРГАЗ** مارگز *кит.* ба дарозии дандони мор.

**МОРГАЗИДА** مارگزيده 1. касе ё ҷонваре, ки онро мор заҳр зада бошад. 2. *маҷ.* он ки дарду машаққати ҳодисаеро аз сар гузаронида, баъд ҳушёр шудааст (*яъне бисёр эҳтиёткор шудааст*); **моргазида аз ресмони ало метарсад** (*мақ.*).

**МОРГИЁҲ** مارگياه *ниг.* **морчӯба**.

**МОРГИР** مارگير он ки морро дошта мегирад, гирандаи мор.

**МОРЖ** *фин.* مارژ *зоол.* ҳайвони ширхӯри баҳрӣ, ки пашми зарди дурушт, дандонҳои ашку мӯйлаби дароз дорад.

**МОРЗАБОН** مارزبان *кит., бот.* гиёҳи чандсолаи дорои соқаҳои хурди зеризаминӣ ва баргҳои паҳну гулҳои резаи ҳарранга, ки бештар дар ҷойҳои намноки ботлоқӣ мерӯяд.

**МОРЗАДА** مارزده *кит., ниг.* **моргазида**.

**МОРИД** *а.* مارد саркаш, нофармон, осӣ.

**МОРИДӢ** ماردى сурх, ранги сурх.

**МОРИСПАНД** ماراسپند *кит., ниг.* рӯзи бистунуҳуми ҳар моҳи шамсӣ дар Эрони бостон, морисфанд.

**МОРИСФАНД** ماراسفند *ниг.* **мориспанд**.

**МОРИСТОН** I مارستان ҷои сермор, ҷои пур аз мор, морхона.

**МОРИСТОН** II مارستان *кит., шакли кӯтоҳшудаи* **бемористон**.

**МОРМОНАНД** مارمانند *ниг.* **морвор**.

**МОРМОҲӢ** مارماهى *зоол.* як ҷинси моҳии моршакли дароз.

**МОРПЕЧ** مارپيچ 1. пурпечу хам, ин тарафу он тараф печхӯрда: **зинаи морпеч, роҳи морпеч, пайраҳаи морпеч**. 2. номи нақшу нигоре ба шакли мори бар дарахт печида.

**МОРСАРҲО** مارسرها *зоол.* ҷинси хазандаҳо аз оилаи калтакалосҳо, ки сари онҳо ба шакли сари мор аст.

**МОРСОР** مارسار он чи ки сараш ба монанди мор аст ё бар сараш нақши мор дорад.

**МОРФЕМА** *ю.* مارفيمه *збш.* қисми хурдтарини калимаҳо, ки ба дигар ҳиссаҳо тақсим намешавад; ҷузъи маънодори нутқ, ки ба қисмҳо тақсим намешавад (*чун* **кор**, **ман**…).

**МОРФИЙ** *ю.* مارفيى *тиб.* моддаи беҳушкунанда

ва рафъкунандаи дард, ки аз ғӯзаи кӯкнори хом гирифта мешавад.

**МОРФОЛОГИЯ** *ю.* مارفالاگیه 1. *биол.* дар таркиби номи баъзе илмҳо ба маънои шакл ва сохт меояд рехтшиносӣ: **морфологияи одам, морфологияи растаниҳо, морфо-логияи ҳайвонот**. 2. *збш.* соҳаи грамматика, ки тарзи сохта шудан ва шаклҳои ифодакунандаи маънои калимаҳоро меомӯзад, сарф, илми сарф.

**МОРФОЛОГӢ** مارفالاگی *мансуб ба* **морфология**.

**МОРХӮР** مارخور *зоол.* бузи кӯҳӣ, пармашох.

**МОРЧӮБА** مارچوبه *бот.* як навъ гиёҳи худрӯй, ки дар тибби халқӣ ҳамчун позаҳр истифода мешавад, сарсабил.

**мос** ماس *кит. асоси замони ҳозираи* **мосидан**.

**МОСА** ماسه *кит.* сангреза, сангрезаҳои хурди якхела, ки бештар дар сохтмон истифода мешавад, шағол.

**МОСАБОДӢ** ماسه‌بادی *кит.* сангрезаҳое, ки дар натиҷаи вазиши бод суфтаву гирд шудаанд.

**МОСАСАНГ** ماسه‌سنگ сангҳое, ки бар сари ҳам омада ва дар натиҷаи часпидани сангрезаҳо ба вуҷуд меояд.

**МОСАЗОР** ماسه‌زار ҷое, ки сангрезаҳои зиёд дорад.

**МОСИВО** *а.* ماسوا *кит.* ғайри он, ба ҷуз он, дигар аз он.

**МОСИДАН** ماسیدن *кит.* 1. аз ҳолати моеъ ба ҳолати нимамоеъ ё хамир овардан. 2. хушк шудан. 3. нафъ доштан, суд доштан. 4. ба самар расидан, анҷом ёфтан. 5. монанд шудан, мувофиқ омадан.

**МОСОН** ماسان дар ҳоли мосондан, дар ҳоли мосидан.

**МОСТ** ماست ҷурғот, шири бо моя туршонидашуда, ки ҳанӯз обаш нарафтааст.

**МОСТОБА//МАСТОБА** ماست‌آبه//مست‌آبه *хӯр.* оши обдоре, ки аз биринҷ, гӯшти қима, пиёз ва картошка (*ё* шалғам ва *ё* сабзӣ) мепазанд ва ҷурғоту кабудӣ ҳамроҳ карда мехӯранд, биринҷобаи ҷурғотдор.

**МОТ** مات 1. *варз.* ҷои гурез наёфтани шоҳи шатранҷ, ки аломати аз ҳариф мағлуб шудан аст, бохт дар бозии шоҳмот. 2. *маҷ.* ҳайрон, оҷиз; **моту мабҳут** ҳолати ҳайрон шуда хомӯш мондан; сахт дарҳайратмонда; **моту маҳбут шудан (гаштан)** ҳайрон шуда хомӯш мондан; **мот кардан** а) бурдан, мағлуб кардан, ғалаба кардан дар бозии шоҳмот; б) ҳайрон кардан; **мот шудан** а) аз ҳарифи худ мағлуб шудани шоҳмотбоз; б) *маҷ.* сахт ҳайрон шудан; ◊ **маҳву мот шудан** шефта шудан, волаву шайдо шудан; ақлу ҳуши худро ба чизе бохтан.

**МОТАМ** ماتم андӯҳу ғусса аз марги касе, азодорӣ, сӯгворӣ; **мотам гирифтан (доштан)** маросими азоро ба ҷо овардан; гирифтори мусибат будан; **либоси мотам пӯшидан** *киноя аз* азо гирифтан.

**МОТАМБОР** ماتم‌بار *маҷ.* пур аз андӯҳ, бисёр ғамзада.

**МОТАМДОР** ماتمدار азодор, азогирифта, сӯгдор.

**МОТАМДОРӢ** ماتمداری азодорӣ, азогирӣ; маросими мотам, сӯгдорӣ.

**МОТАМЗАДА** ماتمزده мусибатзада; азогирифта.

**МОТАМӢ** ماتمی *мансуб ба* **мотам**; **мусиқии мотамӣ** оҳангҳои ҳузновар, ки дар маросими азодорӣ менавозанд.

**МОТАМКАДА** ماتمکده *ниг.* **мотамсаро**.

**МОТАМСАРО** ماتمسرا 1. ҷои мотамгирӣ, маҳали азодорӣ. 2. *кин.* хонае, ки дар он ғаму ғусса зиёд аст.

**МОТАМХОНА** ماتمخانه ҷои мотам, мотамсаро; ҳавлии азодор.

**МОТОР** *лот.* ماتار *тех.* дастгоҳи ҳаракатдиҳанда; муҳаррик: **мотори барқӣ, мотори ҳавопаймо, моторро ба кор даровардан (андохтан)**.

**МОТОРДОР** ماتاردار дорои мотор, моттордошта.

**МОТОРСОЗӢ** ماتارسازی барои сохтани мотор махсусгардонида, бо сохтани моторҳо машғул шудан: **корхонаи моторсозӣ**.

**МОТОРОЛЛЕР** *олм.* ماتارالّیر як навъи мототсикли хурдчарх, ки рондани он нисбатан осон ва роҳаттар аст.

**МОТОТСИКЛ** *лот.* ماتاتسیکل воситаи нақлиёти муҳаррикдори ду ё сечарха.

**МОТОТСИКЛРОН** ماتاتسیکلران он ки мототсикл меронад, ронандаи мототсикл.

**МОТОТСИКЛРОНӢ** ماتاتسیکلرانی 1. шуғли мототсиклрон, рондани мототсикл. 2. *варз.* машғулияти таълимию машқӣ ва мусобиқа дар рондани мототсикл.

**МОТОТСИКЛСАВОР** ماتاتسیکلسوار он ки савори мототсикл аст.

**МОТХОНА** ماتخانه *кит,* 1. *варз.* ҷое, ки шоҳ он ҷо мот мешавад. 2. *маҷ.* бохту шикаст ва аз даст додани тавоноиву эътибор.

**МОФАВҚ** *а.* مافوق *кит.* он чи боло истодааст; болотар; бештар, зиёдтар.

**МОФАВҚУТТАБИАТ** *а.* مافوقالطبیعت *кит.* берун аз табиат, метафизика.

**МОФОТ** *а.* مافات *кит.* он чи фавт шудааст; он чи аз даст рафтааст, аздастрафта, гумшуда.

**МОХ** ماخ *кит.* 1. қалбакӣ; носара: **зари мох, пули мох**. 2. *маҷ.* пасттинат, дунҳиммат; сифла.

**МОҲ//МАҲ** ماه//مه 1. радифи наздик-тарини Замин, ки даври он мегардад ва аз акси нури Офтоб тобон аст, қамар; **моҳи дуҳафта** а) моҳи чордаҳ, бадр; б) *киноя аз* рӯи зебо, чеҳраи хушрӯи маҳбуба; **моҳи мунир** моҳи тобон, моҳи равшан; **моҳи нав** а) ҳилол; б) *киноя аз* абрӯи камоншакли маҳбуба; **моҳи нима** моҳи нопурра, *муқоб.* **моҳи тамом; моҳи пурра//моҳи тамом** *ниг.* **моҳи чордаҳ**; **моҳи шомхӯрда** моҳи рӯ ба навшавӣ оварда; **гирифти моҳ** *нуҷ.* ҳодисаест, ки дар вақти байни Офтоб ва Замин воқеъ шудани Моҳи пурра он дар сояи Замин монда, аз назар нопадид мегардад, хусуф, гирифтани Моҳ. 2. *маҷ.* маҳбубаи зебо, маъшуқаи маҳваш; **моҳи дилафрӯз** *киноя аз* дилбар, маҳбубаи зебо. 3. *кит., маҷ.* арӯс; **моҳу шоҳ** арӯсу домод. 4. нишони махсус ба шакли моҳи нав - ҳилол, ки ба сари гунбази қаср ва дар баъзе парчаму байрақҳо устувор мекунанд. 5. воҳиди ҳисоби вақт, ки баробари аз дувоздаҳ як ҳиссаи соли тақвимист; **моҳи сиём** *кит.* моҳи рӯза, моҳи рамазон; **моҳ ба моҳ** ҳар моҳ, мунтазам дар ҳар моҳ; **як моҳи дароз** дар тӯли як моҳи тамом; ◊ **моҳ дидани занон** ҳайз дидани занон, одати моҳонаи занон; **моҳи беайб шуморидан** тамоман бенуқсону бекамбудӣ ҳисоб кардан касеро; **дар рӯи** *касе* **моҳ дидан** *ниг.* **маҳ(дар рӯи** *касе* **маҳ дидан)**; **рӯи моҳат** рӯи зебоят; **бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ, бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ** (*зарб.*) аз некон некӣ меомӯзӣ, аз бадон-бадӣ.

**МОҲАЗАР** *а.* ماحضر *кит.* он чи ҳозир аст; таоми андаки бетакаллуф, ки ҳозир ва мавҷуд аст, таоми андаки тайёр.

**МОҲАСАЛ** *а.* ماحصل *кит.* он чи ҳосил шудааст, маҳсул. 2. натиҷа; хулоса.

**МОҲВАШ** ماهوش *ниг.* **маҳваш**.

**МОҲВОР** ماهوار 1. ҳар моҳ, моҳ ба моҳ. 2. *ниг.* **моҳнома**.

**МОҲВОРА** ماهواره 1. дастгоҳ ё таҷҳизоте, ки дар мадори замин, моҳ ва ё сайёраи дигар мегардад ва иттилои марбут ба онҳоро ба замин ирсол медорад. 2. ҳармоҳа, моҳона. 3. муддати як моҳро фарогиранда: **моҳвораи ободонӣ**.

**МОҲВОРАӢ** ماهواریی *мансуб ва марбут ба* **моҳвора** 1; он чи ба воситаи моҳвора ба даст омадааст; **акси моҳвораӣ, алоқаи моҳвораӣ**.

**МОҲГАРД** ماه گرد моҳпаймо, моҳнавард.

**МОҲДАРМИЁН** ماهدرمیان моҳ андар миён, пас аз ҳар моҳ.

**МОҲИБИРЁН** ماهیبریان *хӯр.* моҳии бирён, хӯроке, ки аз моҳии дар равған бирёншуда иборат аст.

**МОҲИГИР** ماهیگیر он ки моҳӣ мегирад, сайдкунандаи моҳӣ.

**МОҲИГИРӢ** ماهیگیری шуғли моҳигир; гирифтани моҳӣ, моҳӣ доштан: **ҷои моҳигирӣ, шасти моҳигирӣ, моҳигирӣ кардан**.

**МОҲИДОН** ماهیدان *кит.* ҷое, ки моҳӣ нигоҳдорӣ ва парвариш мешавад, ҳавз, кӯл.

**МОҲИДОР** ماهیدار 1. *ниг.* **моҳигир**. 2. коргари соҳаи моҳипарварӣ.

**МОҲИДОРӢ** ماهیداری 1. *ниг.* **моҳигирӣ**. 2. *ниг.* **моҳипарварӣ**; **киштии моҳидорӣ** киштие, ки барои сайди моҳии баҳру кӯлҳои калон сохта шудааст.

**МОҲИДУДӢ** ماهیدودی *кит.* моҳие, ки дар дуд пухта шудааст, моҳии дуддода.

**МОҲИЁН** ماهیان *кит.* чандин моҳ; моҳҳои зиёд.

**МОҲИЁНА** ماهیانه *кит.*, *ниг.* **моҳона**.

**МОҲИПАЗ** ماهیپز он ки моҳӣ мепазад ё бирён мекунад, пазандаи моҳӣ.

**МОҲИПАЗӢ** ماهی‌پزی *мансуб ба* моҳипаз; кори моҳипаз, пухтану бирён кардани моҳӣ.

**МОҲИПАРВАР** ماهی‌پرور коргари соҳаи моҳипарварӣ.

**МОҲИПАРВАРӢ** ماهی‌پروری парвариши моҳӣ, соҳае, ки бо парвариш, зиёд кардан, захира ва беҳтар кардани сифати моҳӣ дар обанбору кӯлҳо машғул аст: **ҳавзи моҳипарварӣ**.

**МОҲИР** *а.* ماهر бомаҳорат, устод: **дар касбу кори худ моҳир; тирандози моҳир;** устоди тирандозӣ; мерган, ҳукмандоз; **маҳфили достони моҳир** маҳфили ҳунаромӯзони касбҳои маҳоратталаб (*дар мактабҳо*); **моҳир шудан (гаштан)** маҳорат пайдо кардан (*дар коре*).

**МОҲИРӢ** ماهری *мансуб ба* **моҳир**; маҳоратнокӣ, чирадастӣ.

**МОҲИРОНА** ماهرانه бомаҳорат, бо кордонии тамом; бо маҳорат чизеро анҷом додан.

**МОҲИФУРӮШ** ماهی‌فروش фурӯшандаи моҳӣ; фурӯшандаи мағозаи моҳифурӯшӣ.

**МОҲИФУРӮШӢ** ماهی‌فروشی фурӯши моҳӣ; кору шуғли моҳифурӯш.

**МОҲИХОР** ماهی‌خوار *кит.* 1. *ниг.* **моҳихӯр**. 2. *ниг.* **моҳихӯрак**.

**МОҲИХӮР** ماهی‌خور он ки ё он чи моҳиро мехӯрад: **парандаи моҳихӯр**.

**МОҲИХӮРАК** ماهی‌خورک *зоол.* навъе аз парандаи обии моҳихӯр.

**МОҲИЧА** ماهیچه 1. моҳии хурд. 2. *кит., хӯр.* навъе аз оши хамирӣ (оши угро).

**МОҲИШИНОС** ماهی‌شناس мутахассис ва олими соҳаи моҳишиносӣ, ихтиолог.

**МОҲИШИНОСӢ** ماهی‌شناسی соҳаи илмии зоология, ки сохт, пайдоиш, тарзи ҳаёт, паҳншавӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба моҳиро меомӯзад, ихтиология.

**МОҲИШӮРБО** ماهی‌شوربا *хӯр.* шӯрбои аз моҳӣ пухташуда.

**МОҲИЯТ** *а.* ماهیت 1. асл, ҳақиқат; ҷавҳари чизе: **моҳияти масъала**. 2. ниҳод, табиат.

**МОҲИЯТАН** *а.* ماهیتاً аз ҷиҳати моҳият; ҳақиқатан, табиатан.

**МОҲӢ** ماهی ҷонвари обӣ, ки баданаш бо пулакчаҳо пӯшида шудааст ва бо ғалсамаҳо нафас мегирад: **моҳӣ гирифтан; моҳӣ доштан**; ◊ **обро лой карда моҳӣ доштан** корро чигил карда, ба манфиати худ истифода бурдан; **соли моҳӣ** соли панҷум аз силсилаи солшумории дувоздаҳгонаи мучал (*бо номи ҳайвонот*).

**МОҲЛИҚО//МАҲЛИҚО** ماه‌لقا//مه‌لقا моҳрӯ, моҳсимо, моҳчеҳра, хушрӯй (*сифати маҳбуба*).

**МОҲМАНЗАР** ماه‌منظر моҳмонанд, моҳрӯ, он чи монанди моҳ манзараи зебое дорад, зебоманзар; **рӯи моҳманзар** рӯи зебо.

**МОҲНАВАРД** ماه‌نورد он ки ва он чи дар рӯи моҳ гашта, онро таҳқиқ мекунад; моҳпаймо.

**МОҲНАВАРДӢ** ماه‌نوردی гаштан дар Моҳ, паймудани рӯи Моҳ.

**МОҲНОМА** ماهنامه нашрияе, ки ҳар моҳ як бор чоп мешавад, моҳвора.

**МОҲОНА** ماهانه 1. музди кори якмоҳа, маоши ба як кас барои як моҳ муқарраршуда, маош: **моҳона гирифтан, моҳона додан**. 2. барои муддати як моҳ муайяншуда ё дар мӯҳлати як моҳ иҷрошуда: **нақшаи моҳона, ҳисоботи моҳона**.

**МОҲОНАГИР** ماهانه‌گیر он ки моҳона мегирад; моҳонахӯр.

**МОҲОНАГИРӢ** ماهانه‌گیری *исми амал аз* **моҳона гирифтан**; гирифтани моҳона, гирифтани маоши якмоҳа: **рӯзи моҳонагирӣ**.

**МОҲОНАХӮР** ماهانه‌خور он ки бо моҳонаи расмӣ рӯз мегузаронад; он ки ғайр аз моҳона дигар даромад надорад: **корманди моҳонахӯр**.

**МОҲОНАХӮРӢ** ماهانه‌خوری *ниг.* **моҳонагирӣ**.

**МОҲОР** ماهار *кит.* маҳори шутур, инони шутур.

**МОҲПАЙКАР//МАҲПАЙКАР** ماه‌پیکر//مه‌پیکر хушқаду қомат; хеле хушрӯй. зебо.

**МОҲПАЙМО** ماه‌پیما *ниг.* **моҳнавард**.

**МОҲПАРАСТ** ماه‌پرست *киноя аз* ошиқ.

**МОҲПАРВИН** ماه‌پروین 1. *тиб.* беморие, ки гирифтори он дар ҳолати хоб (*яъне аз хоб бедор нашуда*) аз ҷояш хеста, бешуурона роҳ мегардад ва корҳое мекунад. 2. *ниг.* **дармана**.

**МОҲПОРА//МАҲПОРА** ماه‌پاره//مه‌پاره 1. порае аз моҳ. 2. *маҷ.* монанди моҳ зебо ва хушрӯй; маҳлиқо.

**МОҲРУХ//МАҲРУХ** ماه‌رخ//مه‌رخ *ниг.* **моҳрӯ(й)**.

**МОҲРУХСОР** ماه‌رخسار *ниг.* **моҳрӯ(й)**.

**МОҲРӮ(Й)//МАҲРӮ(Й)** ماه‌رو(ی)//مه‌رو(ی) моҳсурат, моҳсимо, хушрӯй, зебо, моҳрухсор (*сифати зан*).

**МОҲСАНГ** ماه‌سنگ *маъд.* ҷинси сангмонанди аз сайёраи Моҳ овардаи кайҳоннавардон.

**МОҲСИМО** ماه‌سیما *ниг.* **моҳрӯ(й)**.

**МОҲТАЛЪАТ** ماه‌طلعت моҳрӯ, моҳсурат, хушрӯ.

**МОҲТОБ//МАҲТОБ** ماهتاب//مه‌تاب 1. рӯшноии моҳ, партави моҳ; **шаби моҳтоб** *ниг.* **маҳтобшаб**. 2. моҳ, қамар:

**МОҲТОБӢ//МАҲТОБӢ** ماهتابی//مهتابی 1. аз партав ва нури моҳтоб равшан, тобон: **шаби моҳтобӣ; моҳтобӣ шудан** равшан шудан, тобон шудан. 2. ширранг, сафедтоб, сафедранг. 3. навъи зардолуи пешпаз, ки мевааш ширранг ё зардчаи кулӯла буда, асосан барои тархӯрӣ ба кор меравад.

**МОҲТОБШАБ//МАҲТОБШАБ** ماهتاب‌شب//مه‌تاب‌شب шаби аз партави нури Моҳ равшан, шаби маҳтобӣ.

**МОҲУТ** ماهوت матои пашмии паташ суфтаву ҳамвор, мовут (*гуфт.*): **моҳути сурх, чакмани моҳут**.

**МОҲУТБОФ** ماهوت‌باف он ки ба бофтани моҳут машғул аст.

**МОҲУТБОФӢ** ماهوت‌بافی коргоҳе, ки дар он пашмҳои маҳинро молидаву пахш карда моҳут мебофанд.

**МОҲУТӢ** ماهوتی аз порчаи моҳут дӯхташуда.

**МОҲЧЕҲРА** ماهچهره моҳрӯ, хушрӯ, зебо.

**МОҲҶАБИН** ماهجبین *ниг.* **маҳҷабин**.

**МОҲҶАМОЛ** ماهجمال *ниг.* **моҳрӯ(й)**.

**МОЧА** ماچه 1. хари мода. 2. *таҳқ.* зани бадкора, бероҳагард.

**МОЧАХАР** ماچه‌خر *гуфт.* модахар, хари мода.

**МОҶАРО** *а.* ماجرا 1. воқеаи азсаргузашта; ҳодиса, рӯйдод; пешомад. 2. ҷанҷол, Хархаша; **маншаю моҷаро** ҷанҷоли забонӣ; **моҷаро бардоштан//моҷаро кардан** ғавғо бардоштан, ҷанҷол кардан. 3. *с.* бо иғво ба мақсад ноил шудан хостан: **моҷарои сиёсӣ**.

**МОҶАРОТАЛАБ** ماجراطلب *ниг.* **моҷароҷӯ(й)**: **моҷароталаб шудан**.

**МОҶАРОҶӮ(Й)** ماجراجو(ی) 1. ҷанҷол-талаб, Хархашахоҳ; ҳангоматалаб. 2. иғвоандоз.

**МОҶАРОҶӮЁНА** ماجراجویانه 1. ҷанҷолталабона, ситезакорона. 2. ба тарзи иғво, иғвогарона: **сиёсати моҷароҷӯёна**.

**МОҶАРОҶӮӢ** ماجراجویی 1. ҷанҷолхоҳӣ, Хархашаталабӣ. 2. иғвогарӣ.

**МОҶИД** *а.* ماجد *кит.* номдор; бузургвор, гиромӣ.

**МОШ** ماش *бот.* гиёҳе аз оилаи лӯбиёиҳо ва ғалладонаи он, ки мудаввари пӯстсабзи сафедмағз аст; ◊ **чашми** *касеро* **мош барин кушода мондан** касеро сахт танбеҳ дода, ҳушёр карда мондан; **чашми** *касе* **мош барин кушода шудан** танбеҳ дида, ҳушёр шудани касе; **чашми** *касе* **мош барин шудан (гаштан)** аз чизе бохабар шуда дар ҳайрат мондан; **айб дар ош аст ё дар мош?** дар вақти ҳанӯз муайян набудани сабаби бадии чизе гуфта мешавад.

**МОША** I ماشه *кӯҳ.* ченаки вазн дар тибб, ки баробари вазни як дона мош аст.

**МОША** II ماشه 1. анбӯри сарпаҳни оҳангарон. 2. ҷои пилтагузории милтиқҳои қадимӣ.

**МОШАК** ماشک *гуфт.* бедонаи модина. 2. *тиб.* варами пилки чашм, нахӯдак. 3. *бот.* боқило.

**МОШАРО** ماشرا *тиб.* варами хунин.

**МОШБО** ماشبا *кит., хӯр.* шӯрбои аз мош пухташуда, шӯрбои мошӣ.

**МОШИН(А)** ماشین(ه) 1. механизме, ки ягон кори муфидро ба ҷо меоварад; дастгоҳе, ки бо қуввае ба ҳаракат даромада, кореро ба ҷо меоварад: **мошин(а)и алафдаравӣ, мошин(а)и дарздӯзӣ, мошин(а)и ҷомашӯӣ**. 2. *гуфт.* автомобил, автомашина: **мошин(а)и боркаш, мошин(а)и сабукрав**.

**МОШИНАДӮЗӢ** ماشینه‌دوزی *гуфт.* либос дӯхтан

дар мошинаи дарздӯзӣ: **мошинадӯзӣ кардан**.

**МОШИНАЧӢ** ماشینه‌چی *гуфт.* дӯзанда, хайёт, дарздӯз.

**МОШИНБОЗ** ماشین‌باز он ки бо мошинҳои гуногун ва ороиши онҳо майл дорад.

**МОШИНБОЗӢ** ماشین‌بازی 1. амал ва шуғли мошинбоз. 2. бозии кӯдакон бо мошини обзорҳои техникӣ.

**МОШИНГАРД** ماشین‌گرد роҳе, ки мошинҳо дар он рафтуо мекунанд; **роҳи мошингард**.

**МОШИНГУЗАР** ماشین‌گذر мошинрав, мошингард: **роҳи мошингузар**.

**МОШИНДАРО** ماشین‌درا ҷое, ки автомашина даробаро карда метавонад: **дарвозаи мошиндаро, тангкӯчаи мошиндаро**.

**МОШИНДОР** ماشین‌دار дорандаи мошин, соҳиби автомашина.

**МОШИНӢ** ماشینی ба воситаи мошин, бо мошин: **ҷамъоварии мошини пахта**.

**МОШИННАВИС** ماشین‌نویس *кҳн.* 1. дар мошини хатнависӣ чопшуда: **ду варақи мошиннавис**. 2. он ки дар мошини чоп навиштаҳоро чоп мекунад.

**МОШИННАВИСӢ** ماشین‌نویسی *кҳн.* чоп кардан дар мошинкаи хатнависӣ; кори мошиннавис.

**МОШИНОЛОТ** ماشین‌آلات асбобу олоти мошин(а).

**МОШИНРОН** ماشین‌ران ронандаи автомашина, идоракунандаи мошин.

**МОШИНРОНӢ** ماشین‌رانی рондани мошин; кору шуғли ронандаи автомашина.

**МОШИНСАВОР** ماشین‌سوار савори автомобил.

**МОШИНСАВОРӢ** ماشین‌سواری савори автомашина будан.

**МОШИНСОЗ** ماشین‌ساز он ки мошину таҷҳизот месозад.

**МОШИНСОЗӢ** ماشین‌سازی саноате, ки мошину таҷҳизот истеҳсол мекунад: **корхонаи мошинсозӣ**.

**МОШИНХОНА** ماشین‌خانه *кҳн.* биное, ки дар он мошину дастгоҳҳо шинонда шудаанд; коргоҳи мошинӣ.

**МОШӢ** I ماشی ба ранги мош монанд, ранги сабзи тира: **гурбаи мошӣ, чашмони калони мошӣ**.

**МОШӢ** II ماشی. *мансуб ба* **мош**, аз мош омодашуда.

**МОШӢ** III ماشی *кит.* он ки пиёда меравад, пиёдарав, пиёда.

**МОШКАДУ** ماش‌کدو *хрв.* шӯрбои аз мошу каду пухташуда.

**МОШКИЧИРӢ** ماش‌کچری *хрв.* шӯлаи аз мош ва биринҷ пухташуда.

**МОШОБА** ماشابه *хрв.* таоми обдори аз мош ва биринҷу лӯбиё пухташуда.

**МОШОБАХӮР** ماشابه‌خور он ки мошобаро дӯст медорад.

**МОШОҚ** I ماشاق *кит.* хӯша, сараки гандум.

**МОШПАЛАВ** ماش‌پلو *хрв.* палаве, ки аз мош тайёр мекунанд.

**МОШПИЁБА** ماش‌پیابه *ниг.* **мошоба**.

**МОШУБИРИНҶ** ماش‌وبرنج 1. *хӯр.* таоми обдоре, ки аз мош ва биринҷ мепазанд. 2. сиёҳу сафеди ба ҳам омехта: **риши мошубиринҷ**.

**МОШУРА//МОШӮРА** ماشوره 1. найчаи миёнхолӣ, лӯлача. 2. *боф.* найчае, ки ба даруни моку мегузоранд.

**МОЯ** *а.* مایه 1. асли ҳар чиз, асос, бунёд. 2. ҳар чиз, ки барои ба вуҷуд омадани чизе асос мешавад (*мас.*, хамирмоя (хамиртуруш барои хамир, сафедӣ барои мосту ҷурғот…). 3. *кит.* сармоя, дастмоя; доройӣ, сарват. 4. *кит.* асбобу анҷоми коре, дову дастгоҳ. 5. тухмаи одам ва ҳайвони нарина, ки дуто мешавад; ◊ **мояи дилхушии худ кардан** воситаи дилхушии худ қарор додан; **мояи ифтихори** *касе* **шудан** боиси фахри касе қарор гирифтани чизе ё касе.

**МОЯВАР** مایه‌ور *кит.* сармоядор, давлатманд.

**МОЯДОН** مایه‌دان *биол.* тухмдон, ҷои тухма.

**МОЯДОР** مایه‌دار сармоядор, давлатманд, соҳибдавлат, молик, соҳиб.

**МОЯК** مایک 1. *ниг.* **моя** 5. 2. тухми мурғ, ки зери мокиёни куркшуда мегузоранд.

**МОЯКӮБӢ** مایه‌کوبی *тиб.* доругузаронии эҳтиётӣ барои пешгирии баъзе бемориҳо;

обилакӯбӣ.

**МОЯНДАР** مایندر *ниг.* **модарандар**.

**МОЯҲТОҶ** *а.* مایحتاج *кит.* чизҳое, ки инсон доим ба он эҳтиёҷ дорад, эҳтиёҷоти зиндагии рӯзмарра; **ҳадди ақалли мояҳтоҷ** камтарин воситаҳои рӯзгузаронӣ.

**МУАББАД** مؤبّد *кит.* абадӣ ҷовид, ҳамешагӣ: **азоби муаббад**.

**МУАББИР** *а.* معبر *кит.* таъбиркунанда (*хусусан хобро*); баёнкунанда.

**МУАВВАД** *а.* معود *кит.* одаткунонида ба чизе, омӯхта.

**МУАВВАЗ** *а.* معوض *кит.* иваз шуда; иваз, бадал: **муавваз гаштан**.

**МУАД(Д)** *а.*معد *кит.* омода, муҳайё ва ҳозир; **муад будан** омода будан, тайёр шудан.

**МУАДДАБ** *а.* مؤدب боадаб, тарбиядида.

**МУАДДАБОНА** *а.* مؤدبانه боадабона, рафтори аз рӯи одоб.

**МУАДДИБ** *а.* مودب адабдиҳанда, адабомӯз, мураббӣ, муаллим.

**МУАДДИЛ** *а.* معدل мӯътадилкунанда, ба ҳолати эътидол оваранда, росткунанда, қоимкунанда.

**МУАДДИЛУННАҲОР** *а.* معدل‌النهار *нуҷ.* хати доиравӣ, ки агар сайри Офтоб ба он доира тасодуф кунад, шабу рӯз баробар мешавад. 2. *ҷугр.* хати истиво.

**МУАЗЗАБ** *а.* معذب *кит.* азобкашанда, азоббинанда, дар азоб монда.

**МУАЗЗАЗ** *а.* معزز *кит.* азиз дошта шуда, эъзозу ҳурматдида, арҷманд.

**МУАЗЗАМ** *а.* معظم азим ва бузург донисташуда, касе (чизе), ки онро бузург мешуморанд; бузург: **устоди муаззам, мулки муаззам**.

**МУАЗЗАМӢ** معظمی бузургӣ, арҷмандӣ; азамат.

**МУАЗЗИН** *а.* موذن *д.* ба намоз даъваткунанда, азонгӯй, сӯфии масҷид.

**МУАЗЗИНӢ** موذنی *д.* касбу кори муаззин; азонгӯӣ.

**МУАЗЗО** *а.* معزی//معزا азодор, мотамзада, сӯгвор.

**МУАЙИД** *а.* مؤید *кит.* таъйидкунанда, тақвиятдиҳанда; дастгиркунанда.

**МУАЙЯН** *а.* معین 1. таъйиншуда, муқарраршуда. 2. аниқ, яқин, муқаррар; **вақти муайян** вақти муқарраршуда, вақти таъйиншуда; **миқдори муайян** миқдори маъҳуд, миқдори маълум; **муайян кардан** а) маълум кардан; аниқ кардан; б) таъйин кардан, муқаррар намудан; **муайян шудан** муқаррар шудан, таъйин гаштан; **аҳамияти муайяне доштан** як дараҷа аҳамият доштан; тамоман беаҳамият набудан; **касби муайяне надоштан** касби аниқ надоштан; касбе надоштан.

**МУАЙЯНӢ** معینی муайян будан; аниқӣ; мушаххасӣ.

**МУАЙЯНКУНАНДА** معین‌کننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **муайян кардан** он ки муайян ва равшан мекунад. 2. *грам.* яке аз аъзои пайрави ҷумла, ки ба саволҳои *чӣ тавр?, чӣ гуна?, чӣ қадар?, аз он кӣ?...* ҷавоб медиҳад: **муайянкунанда ва муайяншаванда, муайянкунандаи изофӣ ва беизофа, муайянкунандаи ададӣ**. 3. *риёзӣ.* як навъ ифодаи риёзӣ, детерминант.

**МУАЙЯНШАВАНДА** معین‌شونده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **муайян шудан**. 2. *грам.* яке аз аъзои ҷумла, ки бо муайянкунанда муайян мешавад.

**МУАЙЯНШУДА** معین‌شده *замони гузашта аз* муайян шудан; *сифати феълии* таъйиншуда, муқарраршуда: **нафақаи муайяншуда**.

**МУАККАД** *а.* مؤکد *кит.* 1. таъкидшуда, таъкидгардида. 2. мустаҳкам, устувор.

**МУАЛЛАҚ** *а.* معلّق овезон, овехташуда; **муаллақ задан** чаппаю роста шудан, сарпоину поболо шудан; **муаллақ истодан** дар ҳаво овезон истодан; **муаллақ мондан** овезон мондан; ◊ **аҷали муаллақ** марги ногаҳонӣ.

**МУАЛЛАҚА** *а.* معلّقه 1. *ниг.* **муаллақ**. 2. *меъ.* қисми озоди дар ҳаво будаи бино, ки як тарафаш дар мағзи девор мустаҳкам карда шудааст.

**МУАЛЛАҚЗАН** معلّق‌زن он ки муаллақ мезанад, муаллақзананда.

**МУАЛЛАҚЗАНӢ** معلق‌زنی *исми амал аз* **муаллақ задан;** ҷаҳида ба чобукӣ чаппаю роста шудани варзишгарон ва бозингарони сирк; дар

вақти парвоз бозикунон чапаю роста шудани парандагон (*мас., кабӯтарон*).

**МУАЛЛАҚЗАНОН** معلّقزنان *феъли ҳол аз* **муаллақ задан;** дар ҳолати муаллақзанӣ.

**МУАЛЛАЛ** *а.* معلّل *кит.* он чи сабаб дорад, сабабнок, иллатнок; **сухани муаллал ба ғараз** гапи ғараӟнок.

**МУАЛЛАМ** I *а.* معلّم *кит.* таълимгирифта, омӯхта; **калби муаллам** саги омӯхта, саги дастомӯз.

**МУАЛЛАМ** II *а.* معلّم *кит.* аломатдор; нақшдор, нақшин; **дебои муаллам** матои ҳарири пурнақшу нигор.

**МУАЛЛИМ** I *а.* معلّم 1. он ки меомӯзонад ва ёд медиҳад, омӯзгор, таълимдиҳанда: **муаллими таҷрибадор, муаллими фанни забони тоҷикӣ**, **муаллими хизматнишондода** *таър.* яке аз унвонҳои фахрии соҳаи маориф; **муаллими хонагӣ** муаллиме, ки ба талаба дар хона дарс медиҳад ё барои фаннеро беҳтар аз худ кардан ба ӯ ёрӣ мерасонад. 2. мурочиати эҳтиромона нисбат ба шахсе, ки ӯро гӯянда устоди худ мешуморад.

**МУАЛЛИМ** II *а.* مؤلم *кит.* аламнок, дарднок, дардовар.

**МУАЛЛИМӢ** معلّمی шуғл ва касби муаллим; омӯзгорӣ, таълимдиҳӣ; **муаллимӣ кардан** муаллим будан, омӯзгорӣ кардан.

**МУШОЛ** مشال *бот.* як ҷинси буттаҳои ғуҷуммева, бушол.

**МУШОНА** مشانه *мансуб ба* **муш**; **чашмони мушона**.

**МУШОКИРАТ** *а.* مشاکرت бо ҳам шарик будан, бо ҳам дар коре ширкат доштан (ҳамроҳ будан); шарикӣ.

**МУШОҲИД** *а.* مشاهد *кит.* мушоҳидакунанда, бинанда.

**МУШОҲИДА** *а.* مشاهده бо чашми худ дидан, нигаристан; **мушоҳида кардан (намудан)** бо чашми худ дидан; дида муайян кардан, муоина кардан; **мушоҳида шудан** дида шудан, ба назар расидан.

**МУШОҲИДАКОР** مشاهده‌کار муоинакор, бо диққат аз назар гузаронанда.

**МУШОҲИДАКОРӢ** مشاهده‌کاری мушоҳидакор будан; тезбинӣ.

**МУШОҲИДАКУНАНДА** مشاهده‌کننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **мушоҳида кардан**. 2. бинанда, муоинакунанда, аз назар гузаронанда, шоҳид.

**МУШОЯАТ** *а.* مشایعت 1. ҳамроҳӣ кардан касеро дар сафар, бадрақа. 2. гусел (*меҳмонро ё равандаеро ба ҷое*): **мушояат кардан**.

**МУШРИК** *а.* مشرک *фалс.* он ки ба шарик доштани Худо (бисёрхудоӣ) эътиқод дорад, пайрави мушрикон.

**МУШРИКӢ** مشرکی *фалс.* дину мазҳабе, ки ба ақидаи бисёрхудоӣ асос ёфтааст, политеизм.

**МУШРИФ** *а.* مشرف *кит.* 1. дар баландӣ воқеъшуда: баланд. 2. аз ҷои баланд дидбонкунанда. 3. ҳисобдор; нозири харҷ. 4. сардори девон (*дар аҳди салҷуқиён*); ◊ **мушриф ба марг** ба мурдан наздик.

**МУШТ** I مشت 1. панҷаи даст дар ҳолати ғуншуда, кулӯла гаштани ангуштон: **муште, ки пас аз ҷанг ба ёд ояд, бояд ба сари худ зад** (*зарб.*); **муште** андаке, каме, як миқдор; як қабза; **мушт бардоштан** ба задан бо мушт омода шудан; задан; **мушт задан** бо мушт кӯфтан; **мушт фуровардан** бо мушт задан; **мушт хӯрдан** шаллоқ хӯрдан; **ба зери мушту лагад гирифтан** бисёр задан, кӯфтан; **муштро ба як ҷо задан** иттиҳод шуда кор кардан; **мушт – намунаи хирвор** (*мақ.*) намунаи аз чизи бисёр. 2. миқдори чизе, ки дар ҳолати кушода шудани ангуштон ба кафи даст меғунҷад.

**МУШТ** II *а.* مشط *ҳ. кит.* 1. кошона. 2. устухонҳои пушти кафи даст ва рӯи пой.

**МУШТА** مشته 1. он чи дар мушт ҷой гирад; якмушта. 2. абзори филизие, ки санноҷон ва

мӯзадӯзон дар мушт мегиранд ва барои кӯбидани мех ва мустаҳкам кардани он истифода мебаранд.

**МУШТАБАҲ** *а.* مشتبه *кит.* шубҳанок, мубҳам.

**МУШТАБЕҲ** *а.* مشتبه *кит.* шабоҳатдор, шабеҳ, монанд.

**МУШТАҒИЛ** *а.* مشتغل *кит.* машғулшаванда (*бо коре*), машғул, андармон (*бо коре*).

**МУШТАК** مشتک *кҳн.* ҳаққи тарозубон, ки аз чизи баркашидааш (*мас., аз маҳсулоти деҳқонӣ*) ҳавуҷ карда мегирифт: **муштак гирифтан**.

**МУШТАКГИРӢ** مشتکگیری *исми амал аз* **муштак гирифтан**.

**МУШТАКӢ** مشتکی *кит.* шикояткунанда, шокӣ.

**МУШТАКНАВАРД** مشتکنورد *тех.* наварди тақсимот (муштакдор)-и мошин, ки ин ё он қисматҳои онро ба ҳаракат медарорад.

**МУШТАҚ** *а.* مشتق 1. *кит.* чизи аз як чизи дигар гирифташуда, аз чизе ҷудо ё ҳосилшуда. 2. *збш.* калимае, ки аз калимаи дигар сохта шудааст; калимае, ки аз як решаи масдари арабӣ гирифта шудааст (*мас.*, олим, таълим, маълум... аз масдари илм ва ё доно, нодон, дониш, донанда аз «донистан» муштақанд).

**МУШТАҚОТ** مشتقات *ҷ.* **муштақ** 2.

**МУШТАМИЛ** مشتمل *кит.* фарогиранда, дарбаргиранда, ҳовӣ: **муштамил бар...**

**МУШТАРАК** *а.* مشترک 1. он чи аз они чанд кас аст, умумӣ, шарикӣ; **муштарак будан** шарикӣ будан; **муштарак кардан** якҷоя кардан. 2. якҷоя, муттаҳид; омехта, махлут: **комиссияи муштарак**.

**МУШТАРАКОНА** مشترکانه ба таври муштарак; **амалиёти муштаракона**.

**МУШТАРАКУЛМАНОФЕЪ** *а.* مشترکالمنافع *нав.* нафъи муштаракдошта; **Иттиҳоди Давлатҳои Муштаракулманофеъ** *с.* иттиҳоди сиёсӣ ва иқтисодии давлатҳо-ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ.

**МУШТАРИАХЛОҚ** مشتریاخلاق *кит.* оликирдор, дорои ахлоқу атвори писандида, хушхулқ.

**МУШТАРИБАХТ** مشتریبخت *кит.* хушбахт, саодатманд.

**МУШТАРИДОР** مشتریدار 1. моле, ки харидорони зиёде дорад, моли хушхарид. 2. *маҷ.* он ки хостгорони зиёде дорад, серхаридор.

**МУШТАРИК** *а.* مشترک *кит.* он ки дар чизе шарик аст, шарик.

**МУШТАРИОРАЗ** مشتریعارض *кит., ниг.* **муштарирӯй**.

**МУШТАРИРӮЙ** مشتریروی хушрӯ, муборакчеҳра.

**МУШТАРӢ** I *а.* مشتری 1. *нуҷ.* номи бузургтарин сайёраи манзумаи Офтоб, ки мунаҷҷимони қадим онро муборак мешуморанд, Бирҷис, Ҳурмуз, Саъди Акбар, Қозии фалак [Юпитер].

**МУШТАРӢ** II *а.* مشتری 1. харидор. 2. талабгор, толиб.

**МУШТАФШОР** مشتافشار *кит.* **зари муштафшор** аз рӯи ривоят зари ба мушт нармшаванда, ки дар хазинаи Хисрави Парвиз будааст ва онро ба ҳар шакл, ки мехостанд, медароварданд

**МУШТАҲАР** *а.* مشتهر *кит.* шӯҳратёфта; машҳур, маъруф.

**МУШТАҲО** *а.* مشتهی//مشتها *кит.* орзу ва хоҳишкарда; он чи мавриди орзӯ ва иштиҳо аст.

**МУШТБАРДОРӢ** مشتبرداری муштзанӣ.

**МУШТБОРОН** مشتباران :**муштборон кардан** дар зери борони мушт гирифтан, зиёд бо мушт задан.

**МУШТЗАН** مشتزن 1. бо мушт зананда. 2. *кҳн.* гӯштингир. 3. *кит.* қавӣ, пурзӯр. 4. варзишгари бозиҳои муштзанӣ (бокс).

**МУШТЗАНӢ** مشتزنی 1. ҷанги бо мушт; машғулияти муштзан. 2. навъи бозӣ, ки дар он бо муштҳои дастпӯшакдор то ғалаба кардан мезананд, бокс.

**МУШТЗӮР** مشتزور 1. зӯровар, зӯрикунанда. 2. золим, истисморкунанда.

**МУШТЗӮРӢ** مشتزوری 1. зӯроварӣ, зӯрӣ. 2. золимӣ, истисмор.

**МУШТИПАР** مشتپر *маҷ.* заиф, бечора, нотавон, оҷиз.

**МУШТКОРӢ** مشتکاری муштзанӣ, муштkӯбӣ; **мушткорӣ кардан** мушткӯбӣ кардан, бо мушт задан.

**МУШТКӮБӢ** مشتکوبی бо мушт кӯфтан, мушткорӣ, муштзанӣ: **мушткӯбӣ кардан** ҳамдигарро бо мушт задан; занозанӣ кардан.

**МУШТМОЛ** مشتمال 1. бо мушт моланда. 2. молишгар (*дар ҳаммом ва дар варзиш*).

**МУШТМОЛӢ** مشتمالی кору амали муштмол; **муштмолӣ кардан** бо мушт молидан, бо мушт зер кардан (*хамирро барои тайёр шудан*).

**МУШТОҚ** *а.* مشتاق 1. иштиёқманд, шавқманд, орзуманд, роғиб. 2. *маҷ.* ошиқ.

**МУШТОҚӢ** مشتاقی иштиёқмандӣ, орзумандӣ.

**МУШТОҚОНА** مشتاقانه 1. бо рағбат, бо майли зиёд. 2. иштиёқмандона, дуои муштоқона, паёми муштоқона.

**МУШТРАНДА** مشترنده рандаи хурди дуредгарон, дастранда.

**МУШТҶАНГ** مشتجنگ ҷанг бо мушт, занозанӣ бо мушт.

**МУШУНГ** مشنگ *бот.* як навъ растанӣ аз оилаи лӯбиёиҳо, ки аз дону орди он таом мепазанд.

**МУШФИҚ** *а.* مشفق бошафқат, шафиқ, меҳрубон; дилсӯз, ғамхор: **модари мушфиқ.**

**МУШФИҚӢ** *а.* مشفقی 1. дилсӯзӣ, меҳрубонӣ, шафиқӣ. 2. тахаллуси шоири машҳури тоҷик Абдураҳмон Мушфиқӣ (1538-1588).

**МУШФИҚОНА** مشفقانه меҳрубонона, дилсӯзона: **нигоҳи мушфиқона.**

**МУШХОНА** موشخانه 1. сӯрохи дар зери девору замин шикофта барои худ хона сохтаи мушон. 2. *маҷ.* ҷои махфӣ ва ноаён: **ба кадом мушхонае ғайб задаст, дар мушхонае ҷой гирифтааст**.

**МУШХОР** موشخار 1. хӯрандаи муш, заған; 2. *бот.* растании паҳнбарги хордори часпанда, эзорчаспак.

**МУШХӮРДА** موشخورده *ниг.* **мушзада**.

**МУШҲАЛАК** موشهلک *ниг.* **мушгирак**.

**МУЯССАР** *а.* میسر ба осонӣ ба даст даровварда, осон фароҳамомада; дастрасшуда; осон; **муяссар будан** фароҳам будан; **муяссар гардидан (шудан)** ба даст даромадан; имконпазир шудан; ба осонӣ фароҳам омадан (*оид ба коре*).

**МӮ** مو *ниг.* **мӯй;** ◊ **як сари мӯ** ниҳоят кам, заррае; қариб ҳеҷ; **мӯ ба мӯ** як ба як, айнан, нуқта ба нуқта; муфассалан.

**МӮБАД//МУБАД** موبد рӯҳонии зардуштиён; олим ва донишманди оини зардуштӣ; **мӯбади мӯбадон** саррӯҳонии зардуштиён.

**МӮД** مود *гуфт.* 1. расм ва олатҳои дар замони муайян писанди умум гардида (*дар либоспӯшӣ, ороиши мӯйсар ва г.*), мода: **мӯд шудан, аз мӯд баромадан**. 2. сару либос, асбобу анҷоми маишат *ва г.,* ки дар замони муайян байни мардум расм шудааст.

**МӮДШУДА** مودشده ба мӯд даромада, ба мӯд мувофиқшуда, расмшуда.

**МӮЁН** مویان *кит.* гирён, мӯякунон, навҳакунон; нолон.

**МӮЖ** موژ *кит.* обгир.

**МӮЗА** موزه як навъ пойафзори соқдароз; **обро дида мӯза каш, ҳаворо дида ғӯза каш**. (*мақ.*); **мӯзаи америкоӣ** (*дар гуфтугӯ америконӣ*) мӯзаи чармаш лоқдор; **мӯзаи намадӣ** мӯзаи аз намад сохтаи зимистонӣ; **мӯзаи пошнабаланд** мӯзаи пошнаҳояш баландтар аз маъмулӣ; **мӯзаи таглама** мӯзае, ки ба соқи кӯҳна таг ва рӯи нав бастаанд; ◊ **ду пойро дар як мӯза ҷой кардан (тиққондан)** чизеро бо исрор талаб кардан, ба гуфтаи худ сахт истодан, якравии беҷо кардан.

**МӮЗАДОР** موزه‌دار мӯзадошта (*дар пой*), мӯзапӯшида, мӯзапӯш.

**МӮЗАДӮЗ** موزه‌دوز устои дӯзандаи мӯза; пойафзордӯз.

**МӮЗАДӮЗӢ** موزه‌دوزی касбу кори мӯзадӯз: **ҳунари мӯзадӯзӣ**.

**МӮЗАПӮШ** موزه‌پوش он ки мӯза пӯшидааст; он ки мӯза пӯшида мегардад.

**МӮЗАРД** موزرد *ниг.* **мӯйзард**.

**МӮЗАҶАЛЛОБ** موزه‌جلاب он ки мӯзаро аз дӯзандагон харида мефурӯшад, вофурӯш.

**МӮИН** موئين 1. *мансуб ба* **мӯй**; аз мӯй сохташуда; **қалами мӯин** мӯқалам. 2. аз мӯй бофташуда, мӯина, пашмина.

**МӮИНА** موئينه 1. *мансуб ба* **мӯй**. 2. пӯсти ҳайвонот, ки аз вай пӯшок дӯхта мешавад. 3. чизи аз мӯй бофташуда, пашмина: **матои мӯина, рӯймоли мӯина**.

**МӮИНАВОР** موئينه‌وار маҳсулоти мӯин, пӯсти сайдҳо; **молҳои мӯинавор**.

**МӮИНАФУРӮШ** موئينه‌فروش фурӯшандаи пӯшоки аз пӯсти ҳайвонот дӯхташуда.

**МӮИНАФУРӮШӢ** موئينه‌فروشى ҷои фурӯши мӯинаворӣ.

**МӮ(Й)** I (موى) 1. пашми тор-тори маҳин, ки дар сар, рӯй ва бадан мебарояд: **мӯи мушкин, мӯи сиёҳ; мӯи ғуллӣ** мӯи ғафс; **мӯи мошу биринҷ** мӯи сиёҳу сафед омехта; **мӯи ҷингила** мӯи марғула; мӯи печу тобхӯрда; **мӯ(й) бофтан** торҳои мӯйро ба ҳам пайваста кокулу гесӯ сохтани занону духтарон; **мӯй кандан** а) аз бех канда партофтани мӯ; б) *ниг.* **мӯйканӣ**. 2. торҳои дум ва ёли асп, хар *ва г.;* қил, ки барои сохтани мӯқалам ва барои баъзе созҳои мусиқӣ ҳамчун тор хизмат мекунад; ◊ **мӯе (аз...)** миқдори хеле каме (аз чизе), андаке (аз), заррае (аз); **сари мӯе** *ниг.* **мӯ (як сари мӯ)**; **аз хирс мӯе** аз одами хасис андак чизе ҳам ба даст ояд, ғанимат аст; **ба хотири мӯи сафеди** *касе* барои эҳтироми синну соли касе; **мӯе аз бадани** *касе* **кам накардан** ба касе андаке ҳам бошад, озор ва осеб нарасондан; **мӯйро аз хамир ҷудо кардан** масъаларо дақиқ тафтиш кардан; ҳақиқати масъалаеро ошкор кардан; **мӯи сар рост хестан** а) сахт хашмгин ва ғазабнок шудан; б) сахт тарсидан; **мӯи сар сафед шудан** дар коре бо коре муддати хеле зиёд машғул шудан; батаҷрибаву моҳир шудан дар коре (*аз солҳои зиёд анҷом додани он*); **аз мӯи сар ҳам зиёд будан(-и коре)** аз ҳад зиёд будани коре; **мӯи сари** *касеро* **хушк тарошидан** касеро сахт азоб додан; дар ҳаққи касе ягон бадӣ кардан; **даҳони** *касе* **мӯй баровардан** дар мавриде, ки ба касе бисёр мегӯянд ва ё зиёд насиҳат мекунанду бенатиҷа мемонад, гуфта мешавад.

**МӮЙ//МӮ** II موى//مو *кит.* кафидагии нозуке, ки дар зарфҳои чинӣ пайдо мешавад: **мӯи (косаи) чинӣ**.

**МӮЙБАНД** موى‌بند банд ва дигар воситаи ба тартиб даровардани мӯи сари занону духтарон.

**МӮЙБОФӢ** موى‌بافى *исми амал аз* **мӯй бофтан**.

**МӮЙГИРӢ** موى‌گيرى *исми амал аз* **мӯй гирифтан**. 1. гирифтани мӯи сар. 2. бемӯ кардани сару бадан (*одатан ҳангоми табобат*).

**МӮЙДАРОЗ** موى‌دراز 1. он ки мӯяш дароз аст, дарозмӯ. 2. *маҷ. таҳқ.* зан.

**МӮЙДОР** موى‌دار он ки (он чи), ки мӯй дорад, мӯдор.

**МӮЙЗАРД** موى‌زرد он ки мӯи сару рӯи ӯ зардранг аст; *муқ.* **малламӯй**.

**МӮЙКАНӢ** موى‌كنى *исми амал аз* **мӯй кандан**; аз зӯрии алам ва ғаму ғусса бо фарёду фиғон бо таҳдиди кандан ба мӯи худ даст задани занон: **мӯйканӣ кардан**.

**МӮЙКАНОН** موى‌كنان *исми амал аз* **мӯй кандан;** аз шиддати ғаму андӯҳ мӯйҳоро кандану парешон кардан.

**МӮЙКАШОН** موى‌كشان *феъли ҳол аз* **мӯй кашидан;** дар ҳолати мӯи касеро бо даст кашида, зуран бурдан.

**МӮЙҚАЛАМ** موى‌قلم *ниг.* **мӯқалам**.

**МӮЙЛАБ** موى‌لب мӯи расидаи лаби болоии мардон, бурут; **мӯйлаб гирифтан** а) тарошидани мӯйлаб; б) қайчӣ зада ба тартиб даровардани мӯйлаби расида; **мӯйлаб сабз кардан** бурут баровардан; **мӯйлаб тоб додан** а) мӯйлабро тофта шоф кардан; б) *маҷ.* кибру ғурур зоҳир кардан; ◊ **мӯйлаби** *касеро* **табар (ҳам) набуридан** а) бисёр мағрур будан, ниҳоят кибру ғурур доштан; б) ҳеҷ парво ё тарсе надоштан.

**МӮЙЛАБГИРӢ** موى‌لب‌گيرى *исми амал аз* **мӯйлаб гирифтан; қайчии мӯйлабгирӣ** қайчӣ барои бурида ба тартиб даровардани мӯйлаб.

**МӮЙЛАБДАРОЗ** موى‌لب‌دراز марди дорои мӯйлаби дароз, дарозбурут.

**МӮЙЛАБДОР** موى‌لب‌دار шахси мӯйлабмонда, мӯйлабнок, бурутдор; **ришу мӯйлабдор шудан** а) соҳиби ришу мӯйлаб шудан; б) *маҷ.* ба балоғат расидан, мард шудан.

**МӮЙЛАБӢ**مویلبی *мансуб ба* **мӯйлаб**; **ишораи мӯйлабӣ** ишора бо ҷунбондани мӯйлаб.

**МӮЙЛАБСАФЕД** مویلبسفید марди дорои мӯйлаби сафед, сафедбурут.

**МӮЙЛАБСИЁҲ** مویلبسیاه марди дорои мӯйлаби сиёҳ, сиёҳбурут.

**МӮЙМИЁН** مویمیان *киноя аз* борикмиён, нозукмиён, мӯрчамиён (*сифати маҳбуба*).

**МӮЙМОНДА** مویمانده мӯйсардор.

**МӮЙПАРЕШОН**مویپریشان он ки мӯи сари ӯ шононакарда ва бетартиб аст, парешонмӯ, жӯлидамӯ.

**МӮЙРАГ** مویرگ *биол.* рагҳои бориктарини бадани инсон ва ҳайвон, ки ҳуҷайраҳоро бо хун таъмин мекунанд.

**МӮЙРЕЗӢ** مویریزی рехтани мӯи сар; мӯй рехта кам мӯ ё кал шудани сар.

**МӮЙРЕХТА** مویریخته 1. он ки мӯи сари ӯ рехтааст. 2. пашмрехта.

**МӮЙСАР** مویسر мӯи сари инсон: **мӯйсар гирифтан, мӯйсар тарошидан**.

**МӮЙСАРГИР** مویسرگیر 1. устои сартарош. 2. он ки барои тарошидани мӯи сари худ ба сартарошхона омадааст.

**МӮЙСАРГИРӢ** مویسرگیری *исми амал аз* **мӯйсар гирифтан;** мӯйсартарошӣ.

**МӮЙСАРГИРОН** مویسرگیران маросими халқии аввалин бор гирифтани мӯйсари писарбачагон.

**МӮЙСАРТАРОШӢ**مویسرتراشی бо поку тарошида гирифтани мӯйсар; мӯйсаргирӣ.

**МӮЙСАФЕД** مویسفید 1. он ки мӯи сару рӯяш сафед шудааст, сафедмӯ. 2. одами пир, куҳансол; **пири бадавлат** *киноя аз* пири саодатманд.

**МӮЙСАФЕДӢ** مویسفیدی 1. сафед будани мӯй, сафедмӯӣ. 2. пирӣ, куҳансолӣ.

**МӮЙСИЁҲ** مویسیاه дорои мӯи сари сиёҳ, сиёҳмӯ.

**МӮЙЧИНАК** مویچینک олате, ки бо вай мӯйҳои зиёдатиро чида мепартоянд, абрӯчинак, минқош, қошчинак.

**МӮКАЛЛА** موکلّه *зоол.* кирми рӯдаи одам.

**МӮҚАЛАМ** موقلم абзори дасти рангмолону рассомон барои ба рӯи зевар, коғаз *ва г.* давондани ранг, ширеш..., мӯйқалам.

**МӮЛ** I مول *гуфт.* бисёр, фаровон; барзиёд: **мӯл гап задан, мӯл кардани ҳосил.**

**МӮЛ** II مول *кит.* даранг ва таъхир дар корҳо; **мӯл кардан** даранг кардан, таъхир кардан.

**МӮЛА** موله баландии лоини манорашакл, ки дар киштзорҳо барои рондани парандаҳо ва дар роҳҳои биёбонҳо барои назора кардани оляндаву равандагон месохтанд; **мӯла барин рост истодан** бекор рост истодан.

**МӮЛИДАН** مولیدن *кит.* даранг ва таъхир кардан; бозистодан, сустӣ кардан дар ҳаракат.

**МӮЛӢ** مولی *гуфт.* бисёрӣ; фаровонӣ.

**МӮЛОМӮЛ** مولامول *кит.* таъхир аз пайи таъхир.

**МӮЛТОНӢ** مولتانی *ҳ.* ҷӯгӣ, лӯлӣ.

**МӮЛҶАР** مولجر 1. вақти муайян: **мӯлҷари хоб расидан**. 2. ҳар як аз 12 соли силсилаи солшуморӣ ба ҳисоби мучал, ки синну соли одамро ба воситаи он муайян кардан мумкин аст; **мӯлчар кардан (намудан)** а) тахмин кардан; б) ба назар гирифтан.

**МӮМИЁ** *а.*مومیا *ниг.* **мумиё**.

**МӮНИС** مونس унсгирифта; дӯст, ҳамдам, ҳамнафас; **мӯнис будан** ёри дӯсти хеле наздик будан.

**МӮР** مور *ниг.* **мӯрча**; ◊ **монанди мӯру малах//мӯру малах барин** чизи бисёр ва беҳисоб; аз ҳад зиёд; **аз мӯр камтар** хеле беқадр ва ночиз; **ба хонаи мӯр об сар додан** вайронкорӣ кардан, шӯру ғавғо бархезондан.

**МӮРД** مورد *бот.* як навъ дарахтест ҳамешасабз ва баргу гулҳои хушбӯ дорад ва дар дорусозӣ ба кор меравад, дарахти ос.

**МӮРИЁНА** موریانه *кит.* зангоре, ки оҳану фӯлодро мехӯрад, занги оҳан.

**МӮРӢ** موری 1. сӯрохии махсуси дудкаши хона, дудкаш, дудбаро; **то оташ набошад аз мӯрӣ дуд намебароянд.** (*мақ.*). 2. *ниг.* **обмӯрӣ**; **мӯрӣ аз боғ калон (аст)** *кин.* харҷи чизе аз арзишаш

зиёдтар аст.

**МӮРМИЁН** مورمیان *ниг.* **мӯрчамиён**.

**МӮРСОН** مورسان монанди мӯр, шабеҳи мӯрча.

**МӮРЧА** مورچه [*тасғири* мӯр] навъе аз ҳашараи майда, ки иҷтимоъ шуда зиндагӣ мекунад ва навъҳои гуногун дорад; **мӯрчаи аспак** навъе аз мӯрча, ки калону тезрав аст; *касеро* **мӯрча нагазидан** а) ҳоло ташвиши кору зиндагиро надидан; б) ҳоло сахтии рӯзгорро аз сар нагузаронида; ◊ **мӯрча ҳам аз ӯ озор намеёбад** хеле раҳмдил ва беозор аст.

**МӮРЧАГИР** مورچه‌گیر *зоол.* ҳашаротест, ки дар рӯи замин қифмонанд чуқурчае (*тоси лагзанда*) сохта, мӯрчаҳои ба ин дом афтодаро дошта мехӯрад.

**МӮРЧАЛ** مورچل *ниг.* **мӯрчол**.

**МӮРЧАМИЁН** مورچه‌میان борикмиён, химчамиён, камарборик.

**МӮРЧАХОНА** مورچه‌خانه хонаи мӯрчаҳо.

**МӮРЧАХОР//МӮРЧАХӮР** مورچه‌خوار//مورچه‌خور *зоол.* ҳайвони бедандони ширхор, ки дорои забони дароз буда, бо он мӯрчаҳоро аз хонаашон гирифта мехӯрад.

**МӮРЧОЛ//МӮРЧАЛ** مورچال//مورچل *таър.* нақбе, ки барои забт кардани қалъа ё аз он гурехтани дар қалъа будагон канда мешуд.

**МӮСАФЕД** موسفید *ниг.* **мӯйсафед.**

**МӮСАФЕДӢ** موسفیدی пирӣ, пир будан, аз ғояти пирӣ мӯи сафед доштан.

**МӮСИЁҲ** موسیاه *ниг.* **мӯйсиёҳ**.

**МӮХУШККУНАК** موخشکنک асбоби барқӣ барои хушк кардани мӯи сар ба воситаи ҷараёни ҳавои гарм [фен].

**МӮХӮРАК//МӮХОРАК** موخورک//موخارک *гуфт.* бемории, ки мӯйро мерезонад.

**МӮҲДАС** *а.* محدث *кит.* тоза ҳодисшуда, нав пайдошуда, нав рухдода; нав.

**МӮҲЛАТ** *а.* مهلت 1. вақт, муддат. 2. вақти муайян, муддати муайяни иҷрои коре; фурсат; **пеш аз мӯҳлат** барвақт; **мӯҳлаташ расад** вақташ расад; **мӯҳлат гирифтан,** барои иҷрои коре вақти муайян гирифтан; **мӯҳлат додан** *ба чизе* вақт таъйин кардан *ба чизе.*

**МӮҲЛАТДОР** مهلتدار дорои мӯҳлати муайян, вақти муайяни эътибордошта, вақти муайян амалкунанда, *муқоб.* **бемӯҳлат**.

**МӮҲЛИК** *а.* مهلک *кит.* ҳалоккунанда, ҳалокатовар, марговар; хатарнок.

**МӮҲМАЛ** *а.* مهمل 1. чизи беэътибор, чизи беҳуда ва беаҳамият. 2. бемаъни, беҳуда: **гапҳои мӯҳмал**; **мӯҳмал ҷавоб додан**. 3. одами бекора.

**МӮҲМАЛА** *а.* مهمله *муаннаси* **мӯҳмал; ҳарфи мӯҳмала** *збш.* ҳарфи бенуқтаи алифбои арабӣ, *муқоб.* **манқута**: **доли мӯҳмала.**

**МӮҲМАЛОТ** *а.* مهملات *кит.* суханҳои бемаънӣ ва беҳуда.

**МӮҲР** مهر 1. олати филизӣ ё резинӣ, ки ба рӯяш номи шахс ё идора ва созмон канда шудааст; **мӯҳр задан (кардан, гузоштан)**; **мӯҳр пахш кардан**. 2. нақше, ки баъд аз ранг молида задани мӯҳр бар рӯи коғаз, мум *ва г.* мемонад; **мӯҳри хомӯшӣ ба даҳон задан** хомӯш будан (шудан, кардан); **хату мӯҳр карда додан** тасдиқ кардан ва иҷозат додан (*ба чизе*).

**МӮҲРА** مهره 1. устухонҳои мусалсали миёни тахтапушт ва гардан: **мӯҳраи гардан, мӯҳраи пушт**. 2. донаи марҷон, тасбеҳ *ва г.* 3. донаи нард, шоҳмот *ва г.* 4. навъи садаф ё умуман суфтаву ҳамвор кардани коғаз баъд аз оҳор додан ва чизҳои дигари пахн; **мӯҳраи каланд** пушти ҷои дастагузоронии каланд, табар *ва монанди инҳо*.

**МӮҲРАБОЗ** مهره‌باز 1. он ки бо мӯҳраҳо қиморбозӣ мекунад. 2. *маҷ.* ҳуққабоз, найрангбоз; фиребгар.

**МӮҲРАБОЗӢ** مهره‌بازی 1. қиморбозӣ бо мӯҳраҳо. 2. *маҷ.* ҳуққабозӣ, найрангбозӣ; фиребгарӣ.

**МӮҲРАГАР** مهره‌گر *кҳн., ниг.* **мӯҳракаш;** пардозгар; кудунгар.

**МӮҲРАДОР** I مهره‌دار он ки дорои мӯҳра аст, мӯҳрадошта; **мӯҳрадорон** *биол.* яке аз гурӯҳҳои муташаккилтарини ҳайвонот, ки сутунмӯҳра доранд, ҳайвоноти мӯҳрадор.

**МӮҲРАДОР** II مهره‌دار бо мӯҳра (4) сайқал ва ҷило додашуда.

**МӮҲРАЗАН** مهره‌زن он ки ба мӯҳразанӣ машғул

аст, суфтакунанда.

**МӮҲРАЗАНӢ** مهره‌زنی шуғли мӯҳразан, мӯҳра задан, суфта кардани чиз.

**МӮҲРАКАШ** مهره‌کش *кҳн.* он ки рӯи коғаз ва дигар чизҳо мӯҳра кашида сайқал ва ҷило медиҳад: **коғази мӯҳрадор**.

**МӮҲРАКАШӢ** مهره‌کشی касб ва кори мӯҳракаш.

**МӮҲРАҚ** *а.* محرق *кит.* оташгирифта, ҳариқгирифта; сӯзондашуда, сӯхта.

**МӮҲРАҚАЛАМ** مهره‌قلم асбоби секирраи пӯлодӣ, ки дар кандакории филизот (*хусусан мис, биринҷӣ, тило*) истифода мебаранд.

**МӮҲРБАНД** مهربند устои мӯҳрсоз, мӯҳркан.

**МӮҲРДОН** مهردان қуттӣ ё халтача барои нигоҳдории мӯҳр.

**МӮҲРДОРӢ** مهرداری 1. дорои мӯҳр будан, соҳиби мӯҳр будан. 2. нигоҳдории мӯҳр.

**МӮҲРЗАНӢ** مهرزنی *исми амал аз* **мӯҳр задан**; мӯҳр пахш кардан.

**МӮҲРИҚ** *а.* محرق *кит.* сӯзонанда, сӯзон; сӯзанда; **таби мӯҳриқ** таби бисёр баланд.

**МӮҲРКАН** مهرکن устое, ки дар рӯи филиз нақши мӯҳрро меканад.

**МӮҲРКАНӢ** مهرکنی касб ва кори устои мӯҳркан.

**МӮҲРҚОЛАБ** مهرقالب *боф.* қолаби нақшдор, ки ба воситаи он ба матоъ гул мепартоянд.

**МӮҲРОНА** مهرانه *таър.* пуле, ки барои мӯҳр пахш кардани ҳуҷҷат гирифта мешуд.

**МӮҲСИН** I *а.* محسن *кит.* эҳсонкунанда, соҳиби хайрот; некӯкор.

**МӮҲСИН** II *а.* محصن *кит.* порсо, парҳезгор.

**МӮҲТАВИЁТ** *а.* محتویات *ҷ.* **мӯҳтавӣ**: чизҳои фарогирандаи чизе; мундариҷа.

**МӮҲТАВӢ//МӮҲТАВО** *а.* محتوی//محتوا эҳтивокунанда, фарогиранда, дарбаргиранда; ҳовии..., дорои..., шомили...

**МӮҲТАЗИР** *а.* محتضر *кит.* ба ҷонканӣ афтода, дар ҳолатиназъ.

**МӮҲТАМАЛ** *а.* محتمل *кит.* коре, ки рӯй доданаш аз эҳтимол дур нест, эҳтимолрафта, эҳтимолӣ.

**МӮҲТАМИЛ** *а.* محتمل *кит.* 1. бардорандаи бор, ҳамлкунанда. 2. таҳаммулкунанда, тоқаткунанда, сабркунанда.

**МӮҲТАРАМ** *а.* محترم он ки ӯро эҳтиром мекунанд, соҳиби эҳтиром, боэҳтиром; **мӯҳтарам доштан** *касеро* эҳтироми касеро ба ҷо овардан; эҳтиром кардан.

**МӮҲТАРАМАН** *а.* محترماً *ниг.* **мӯҳтарамона**.

**МӮҲТАРАМОНА** محترمانه аз рӯи хурмат, бо эҳтиром, эҳтиромона.

**МӮҲТАРИЗ** *а.* محترض *кит.* эҳтирозкунанда, парҳезкунанда; худдорикунанда.

**МӮҲТАСИБ** *а.* محتسب *таър.* назораткунандаи иҷрои қонуну қоидаҳои шариати ислом; назораткунандаи тартибу қоидаи бозор, дурустии сангу тарозу, нархи наво *ва м. инҳо.*

**МӮҲТАШАМ** *а.* محتشم 1. соҳибҳашамат, боҳашамат, бошукӯҳ; **бинои мӯҳташам**, **қасри мӯҳташам.** 2. бузург, азим: **кӯҳи мӯҳташам**, **қасри мӯҳташам.**

**МӮҲТАШАМӢ** محتشمی мӯҳташам будан; шукӯҳу ҳашамат; бузургӣ, азамат.

**МӮҲТОЛ** *а.* محتال *кит.* ҳилагар, маккор.

**МӮҲТОҶ** *а.* محتاج эҳтиёҷманд, ҳоҷатманд, ниёзманд; **мӯҳтоҷ будан** эҳтиёҷ доштан, **мӯҳтоҷ мондан** эҳтиёҷманд гардидан; **мӯҳтоҷ шудан** эҳтиёҷ пайдо кардан; **мӯҳтоҷи дасти** *касе* **шудан** ба чиз ё ёрии касе эҳтиёҷ пайдо кардан.

**МӮҲТОҶӢ** محتاجی эҳтиёҷмандӣ, ҳоҷатмандӣ, эҳтиёҷ; **мӯҳтоҷӣ кашидан** дар эҳтиёҷ шудан (будан).

**МӮҲҶАБ** *а.* محجب пӯшида, дар ҳиҷоб; пинҳон.

**МӮҲҶАЗ** *а.* مهجز *кит.* дар ҳиҷоб буда; пӯшида, пинҳон.

**МӮЧИНАК** موچینک *ниг.* **мӯйчинак**.

**МӮҶАЗ** *а.* موجز кӯтоҳ карда, мухтасар.

**МӮҶАЗБАЁНӢ** موجزبیانی баёни кӯтоҳ ва мухтасар дар гуфтор ва таълифот.

**МӮҶИБ** *а.* موجب сабаб, боис; **ба мӯҷибе** бо сабабе; бо баҳонае; **ба мӯҷиби...** ба асоси...;

мувофиқи...

**МӮШИКОФ** موشکاف нуктасанҷ, дақиқкори борикбин; он ки масъалаеро бо ҳамаи нозукиҳо ва ҷузъиёташ месанҷад.

**МӮШИКОФӢ** موشکافی дақиқӣ ва нуктасанҷӣ дар корҳо, борикбинӣ.

**МӮШИКОФОНА** موشکافانه ба таври дақиқ ва борикбинона, нуктасанҷона.

**МӮЪЗАМ** *а.* معظم *кит.* қисми бузург ва асосӣ, қисмати аъзами чизе, бештари чизе.

**МӮЪЛАМ** *а.* معلم 1. аламдор, нишондор, аломатдор. 2. мунаққаш, пурнақшу нигор.

**МӮЪМИН** *а.* مؤمن *д.* боимон, имондор, диндор; **изои мӯъмин ҳаром** *д.* ранҷондани мусулмон ҷоиз нест.

**МӮЪТАБАР** *а.* معتبر 1. боэътибор, соҳибэътибор. 2. мӯҳтарам, иззатманд, боობрӯ: **одами мӯътабар ва машҳур**. 3. боэътимод, мӯътамад, боваринок: **манбаъҳои мӯътабар; мӯътабар будан** эътибор доштан.

**МӮЪТАБАРӢ** معتبری мӯътабар будан; мӯҳтарамӣ, боэътиборӣ, иззатмандӣ.

**МӮЪТАД(Д)** *а.* معتد *кит.* 1. ба ҳисоб гирифта, шумурдашуда. 2. тахминшуда, гумонкарда.

**МӮЪТАДИЛ** معتدل 1. дар ҳадди эътидол, миёна: **иқлими мӯътадил.** 2. мутаносиб, мувофиқ. 3. мӯътадилона; мувофиқи меъёр, ба таври бояду шояд.

**МӮЪТАДИЛӢ** معتدلی мӯътадил будан, дар ҳолати эътидол.

**МӮЪТАДИЛОНА** معتدلانه ба таври мӯътадил, ба таври бояду шояд.

**МӮЪТАЗИЛ** *а.* معتزل *кит.* 1. канорагир, узлатгузин, гӯшанишин. 2. пайрави ҷараёни мӯътазилия.

**МӮЪТАЗИЛА** *а.* معتزله *ниг.* **мӯътазилия**.

**МӮЪТАЗИЛИЯ** *а.* معتزليه *ф., д.* ҷараёнест дар ислом, ки пайравони он ба баъзе аҳкоми дин бо далелҳои ақлӣ ва мантиқӣ муносибат карданро талқин менамуданд.

**МӮЪТАКИФ** *а.* معتکف *кит.* 1. гӯшанишин. 2. *д.* он ки барои ибодат масҷид ё гӯшаеро ихтиёр кардааст.

**МӮЪТАҚИД** *а.* معتقد эътиқодманд, эътиқодкарда, боваркарда.

**МӮЪТАҚИДАН** *а.* معتقداً *кит.* аз рӯи эътиқод; эътиқодона, бо бовари тамом.

**МӮЪТАМАД** *а.* معتمد эътимоднок, боэътимод, боварнок, дилпуршаванда: **далелҳои мӯътамад**.

**МӮЪТАРИЗ** *а.* معترض *кит.* он ки ба сухан ё кори касе эрод мегирад; эътирозкунанда, муқарриз; мунаққид.

**МӮЪТАРИФ** *а.* معترف *кит.* эътирофкунанда, иқроршаванда, базимагиранда (*мас., гуноҳи худро*): **мӯътариф шудан**.

**МӮЪТОД** *а.* معتاد 1. одаткарда. 2. расм, одат; **мӯътод шудан** одат шудан.

**МӮЪҶАМ** *а.* معجم 1. *кит.* тартиби алифбои ҳарфҳои арабӣ, ки ихтирои аҳли аҷам аст. 2. *збш.* ҳарфҳои нуқтадори алифбои арабӣ, ҳуруфи манқута.

**МӮЪҶИЗ** *а.* معجز *кит.* 1. оҷизкунанда. 2. кори ҳайратовар, аҷибу ғариб.

**МӮЪҶИЗА** *а.* معجزه 1. *д.* кори аз одат берун, ки эъҷози пайғамбарон аст ва дигарон аз кардани он оҷизанд; **мӯъҷиза шумурдан** кори аз одат берун шумурдан, кори ғайриимкон ҳисоб кардан. 2. кори ҳайратовар, кори аҷиб, кори шигифтовар; **мӯъҷиза нишон додан** кори ниҳоят аҷибу шигифт зоҳир кардан.

**МӮЪҶИЗАВӢ** معجزوی *мансуб ба* **мӯъҷиза**; ниҳоят ҳайратангез, фавқулода аҷибу тааҷҷубовар.

**МӮЪҶИЗАДОР** معجزه‌دار *ниг.* **мӯъҷизанок**.

**МӮЪҶИЗАКОР** معجزه‌کار соҳибэъҷоз; мӯъҷизаофарин.

**МӮЪҶИЗАКОРӢ** معجزه‌کاری мӯъҷизакор будан; мӯъҷиза нишон додан.

**МӮЪҶИЗАКОРОНА** معجزه‌کارانه ба таври ҳайратангез; мӯъҷизаосо.

**МӮЪҶИЗАОВАР** معجزه‌آور мӯъҷиза нишондиҳанда; ҳайратовар.

**МӮЪҶИЗАОСО** معجزه‌آسا мӯъҷизамонанд, шабеҳи мӯъҷиза; ҳайратовар: **ба таври мӯъҷизаосо**.

**МӮЪҶИЗАОФАРИН** معجزه‌آفرین он ки ё он чи корҳои мӯъҷизавӣ мекунад, кори ҳайратовар нишон медиҳад: **дастони мӯъҷизаофарин**.

**МӮЪҶИЗАСОЗ** معجزه‌ساز 1. *ниг.* **мӯъҷизаофарин**. 2. соҳир, ҷодугар.

**МӮЯ** I مویه қилтиқи хӯшаи ғалла, сӯк.

**МӮЯ** II مویه *кит.* гиря, навҳа, нолаи ҳазин; **мӯя кардан** гиря кардан.

**МӮЯГАР** مویه‌گر *кит.* навҳагар, овозандоз, зани навҳагар (*дар рӯзи мотам*).

**МӮЯК** مویک 1. кафидагии зарфҳои чинӣ ва сафол, ки ба мӯй монанд шуда ба назар мерасад; **мӯяк рафтааст** кафидагӣ пайдо кардааст. 2. сими нозуки механизми соат: **мӯяки соат**. 3. решаи нозуки растанӣ; **мӯяки чароғи баркӣ** сими ниҳоят борик ва нозуки чароғи баркӣ, ки аз қувваи барқ даргирифта рӯшноӣ медиҳад.

**МӮЯКДОР** مویک دار сӯкдор,

**МӮЯСАРО** مویسرا *ниг.* **мӯягар**.

# Н

**Н** *ҳарфи ҳаждаҳуми алифбои ҳозираи тоҷикӣ; дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ ҳарфи нун* (ن)*; дар ҳисоби абҷад ба адади 50 баробар аст.*

**НА** نه 1. *ҳиссачаи инкорӣ* не; **на... балки...** не, лекин..., **на ин ки...** на фақат..., на танҳо; **на...,**на на ва на он, ҳеҷ кадом; **не..., на...; на**..., **на**.... **на фақат** на танҳо. 2. *пешванд, ки бо феълҳо ҳамроҳ омада, маънии инкор ва нафйро медиҳад*: **ҷавоб надод, сухан нагуфт** *ва г.*

**НААМ** I *а.* نعم ҳа, бале, оре; *муқоб.* **ло**.

**НААМ** II *а.* نعم чорпо (ҳамчун уштур, гову гӯсфанд).

**НААРЗАНДА** نهارزنده беарзиш, беқадр.

**НАБАВӢ** *а.* نبوی *мансуб ба* **набӣ**; пайғамбарӣ.

**НАБАРД** نبرد ҷанг, ҳарб, разм; ҷангу ҷидол.

**НАБАРДА** نبرده *кит.* 1. мутааллиқ ба набард, ҷангӣ: **қабои набарда**. 2. марди ҷангӣ, ҷанговар; далер, шуҷоъ, диловар, паҳлавон.

**НАБАРДАФЗОР** نبردافزار *кит.* ҷангафзор, силоҳи ҷанг.

**НАБАРДАҶАВОН** نبردهجوان *кит.* паҳлавони ҷавон, ҷавони диловар, ҷангвари ҷавон.

**НАБАРДГОҲ** نبردگاه ҷои ҷанг, майдони ҷанг.

**НАБАРДӢ** نبردی 1. *марбут ба* **набард**; ҷангӣ. 2. ҷангҷӯй, пархошҷӯ, ҷанговар.

**НАБАРДОЗМО(Й)** نبردآزما(ی) ҷанговари ботаҷриба, паҳлавони ҷангозмуда.

**НАБАРДОЗМУДА** نبردآزموده *ниг.* **набардозмо**.

**НАБАСА** نبسه *ниг.* **набера**; писарзода, духтарзода, набера.

**НАБАҲРА** نبهره *кит.* 1. қалб ва носара (дар бораи пул, нуқра *ва г.*); паст, ночиз. 2. *маҷ.* пинҳон, пӯшида; чапғалат.

**НАБЕРА** نبیره фарзанди фарзанд, фарзандзода, писарзода ё духтарзода.

**НАБЕРАДОР** نبیرهدار соҳибнабера (бобо ё модаркалон).

**НАБЕРАЧА** نبیرچه набераи хурдсол.

**НАБЗ** *а.* نبض задани (ҷунбиши) раги шараёни инсон ва ҳайвон, ки ба тапиши дил вобаста аст; **набзи** *касеро* **санҷидан (дидан)** ламс кардани маҳалли набзи касе (*мас., раги ҷунбандаи банди дастро бо ангуштон ё ба воситаи асбоб бо мақсади муайян кардани фишори хуни ӯ*); **набз аз задан мондан** аз ҷунбиш мондани набз; мурдан; ◘ **набзи сайёра** вазъияти сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷаҳон.

**НАБЗГИРӢ** نبضگیری раги ҷунбандаи дастро ба даст гирифтан бо мақсади ташхиси ҳолати бемор.

**НАБЗНИГОР** نبضنگار *ниг.* **набзсанҷ**.

**НАБЗСАНҶ** نبضسنج он ки набзи беморро муоина мекунад.

**НАБЗСАНҶӢ** نبضسنجی *исми амал аз* **набз санҷидан**.

**НАБЗШИНОСӢ** نبضشناسی соҳаи тиб, ки ба муоинаи набзи беморон машғул аст.

**НАБИД//НАБИЗ** نبید//نبیذ *кит.* шароби хурмо; шароб, май.

**НАБИШТА** نبشته *ниг.* **навишта**.

**НАБИШТАН** نبشتن *ниг.* **навиштан**.

**НАБӢ** *а.* نبی *д.* пайғамбар, расул.

**НАБОТ** I *а.* نبات гиёҳ, растанӣ.

**НАБОТ** II *а.* نبات як навъ ширинии шӯшашакли булӯрмонанд, ки аз ҷӯшонидан ва сард кардани шакар ҳосил мешавад; **қанду набот** (*дар мавриди дӯстдорӣ ба кӯдак гуфта мешавад*).

**НАБОТӢ** I نباتی *мансуб ба* **набот**; гиёҳӣ; равғани наботӣ равғани аз ҳосили растаниҳо гирифта.

**НАБОТӢ** II نباتی бо қанди набот ширинкарда; ширин, (*мас., чой ё ягон мева*).

**НАБОТОТ** *а.* نباتات *ҷ.* **набот** I; **олами наботот** дунёи растаниҳо.

**НАБОТОТШИНОС** نباتات‌شناس он ки набототро меомӯзад, гиёҳшинос.

**НАБОТОТШИНОСӢ** نباتات‌شناسی илми омӯхтани наботот, гиёҳшиносӣ.

**НАБОТПАЗ** نبات‌پز он ки набот мепазад, ҳалвогар.

**НАБОТПАЗӢ** نبات‌پزی набот пухтан, ҳалвогарӣ.

**НАБОТЧОЙ** نبات‌چای чойи наботӣ, чойи набот андохташуда.

**НАБОҲАТ** *а.* نباهت *кҳн.* наҷобат, ҷавонмардӣ; бузургӣ.

**НАБОШАД** نباشد 1. *шакли инкории аористи шахси сеюми танҳои феъли* **будан.** 2. агар ин тавр бошад..., дар ин сурат..., дар ин ҳол... 3. *пайвандак* дар ҳолате ки..., дар сурате ки..., вагарна.

**НАВ** نو 1. он чи, пеш аз ин мавҷуд набуд, аввалин бор сохташуда ё таҳияшуда; ҷадидан ихтироъгардида; тоза,ҷадид; *муқоб.* **кӯҳна**; **расму оини нав**, **ҳаёти нав, ҳодисаи нав; бинои нав** иморати тозабунёд, бинои навсохт; **либоси нав** сарутани тозадӯхт, либоси ҳанӯз напӯшида; **меваи нав** аввалин мева аз ҳосили имсола; **роҳи нав** роҳи ба тозагӣ сохташуда. 2. ба қарибӣ пайдошуда, ба наздикӣ арзи вуҷуд карда; **маҷаллаю рӯзномаҳои нав** а) маҷаллаю рӯзномаҳои бори аввал нашршуда; б) нусхаҳои маҷаллаю рӯзномаҳои ба наздикӣ чопшуда, ки ҳоло нахондаанд; **одами нав** шахси ба қарибӣ ба ҷое омада, ки дигарон ӯро намешиносанд; **раиси нав** роҳбари ба қарибӣ таъйин ё интихобшуда; **кору касби нав** кору касби ҳоло ноозмуда ва омӯхта нашуда; **соли нав** соли ба қарибӣ дохилшаванда, соли дар рӯзҳои наздик фарорасида. 3. иловагӣ, дигар, ба ғайри он чи буд: **муваффақиятҳои нав, қувваҳои нав, ҳусни нав; либос нав кардан** либоси дигар пӯшидан, либос иваз кардан. 4. ҳозир ҳамин, ҳоло, ба тозагӣ, андак вақт пеш. 5. *маҷ.* пешқадам, мутараққӣ; **навнав** тоза ба тоза; **нав ба нав** тоза ба тоза; такрор ба такрор; **аз нав //аз сари нав** дигарбора, дубора, гашта.. **замини нав** *ниг.* **навкорам (замини навкорам); мактаби нав** мактаби тарзи таълимаш тоза, мактаби усули таълимаш ҷадид; **аз нав дида баромадан** дубора аз назар гузаронидан, таҷдиди назар кардан; **аз нав сохтан** дубора ба вуҷуд овардан, тамоман дигар кардан; **нав карда гирифтан** тоза карда гирифтан, дигар кардан, иваз карда гирифтан.

**НАВАД** نود *шумораи миқдорӣ* адади даҳие, ки пас аз ҳаштод ва пеш аз сад меояд, адади 90.

**НАВАДСОЛА** نودساله навад сол дошта; синнаш ба навад расида.

**НАВАДСОЛАГӢ** نودسالگی навадсола будан; навад сол доштан.

**НАВАДУМ** نودم *шумораи тартибӣ аз* **навад**.

**НАВАДУМИН** نودمین *ниг.* **навадум**; касе ё чизе, ки дар шумораи навадум қарор дорад.

**НАВАКАК** نوکک 1. ба ҳамин наздикӣ, ҳозиракак. 2. *шакли навозиши* **нав.**

**НАВАКӢ** نوکی *гуфт.* ба наздикӣ, ба тозагӣ.

**НАВАНД** نوند *кит., ниг.* **наванда.**

**НАВАНД(А)**(نوند(ه *кит.* 1. аспи тезрав, аспи тундрав; асп; **наванди чорпар** аспи тезрафтор, аспи тезтак, аспи чорхезгиранда. 2. қосид, пайк, номабар. 3. тезфаҳм, зирак. 4. номи кӯҳе дар Эрон, ки оташкадаи маъруфи Озар барзин дар он ҷо воқеъ будааст.

**НАВАНГӢ** نونگی *гуфт.* он ки ё он чи ҳозиракак буд; он ки ё он чи ҳамин ҳозир номаш зикр шуд ё мавриди сухан буд.

**навард** نورد 1. *асоси замони ҳозира* аз **навардидан**.

2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* тайкунанда: **саҳронавард, дарёнавард, кайҳоннавард**.

**НАВАРД** نورد 1. дар дастгоҳи бофандагӣ чӯбест, ки матои бофташуда ба он мепечад. 2. чизи печида; туби матоъ; лӯлапеч, тӯмори мактуб. 3. *кит.* андӯхта, ҷамъкарда. 4. *кит.* ҳошияе, ки дар нӯги остин ва бару домани либос медӯзанд; ◻ **аз ҳар навард** ба ҳар тариқ.

**НАВАРДДОР** نورددار дорои навард (1).

**НАВАРДИДАН** نورديدن *кит.* 1. печидан, печонидан, қат кардан. 2. тай кардан, паймудан, гузаштан; гаштан, гардидан.

**НАВАРДӢ** نوردی *мансуб ба* **навард; наварддор.**

**НАВАРДЧА** نوردچه *шакли тасғири* **навард**; наварди хурд.

**НАВАРӮС** نوعروس келини нав, духтари нав шавҳаркарда, наварӯс.

**НАВАСА** نوسه *лаҳҷ., ниг.* набера.

**НАВБАР** نوبر 1. дарахте, ки нав ба мевадиҳӣ даромадааст. 2. аввалин меваи расидаи дарахт *ва г.* дар мавсим, меваи наврасида; **ниҳоли навбар** а) ниҳоли нав ба мевадиҳӣ даромада; б) *кин.* ҷавони нав ба балоғатрасида; духтари қадрас.

**НАВБАРӢ** نوبری 1. айёми нав ба ҳосил даромадани дарахт. 2. овони наврасӣ.

**НАВБАРНИҲОЛ** نوبرنهل *ниг.* **ниҳоли нав бар**.

**НАВБАРОМАД** نوبرامد нав пайдошуда, ба тозагӣ зоҳиршуда, ба тозагӣ баромада.

**НАВБАТ** I *а.* نوبت 1. тартиб дар кардани коре; вақту фурсати аз рӯи тартиб фаворасида барои иҷрои коре ё додану гирифтани чизе. 2. дафъа, карат, бор; **дар навбати дигар**. 3. давр, замон. 4. марҳила дар силсилаи коре ё сохтмоне, ки тибқи нақшаи қаблӣ ба иҷро мерасад; **навбат ба навбат** пешу пас, пайи ҳам, аз пайи ҳамдигар; **ба навбат** ботартиб, пешу пас, пайи ҳам; **ба (дар) навбати худ** ба тартиб, аз рӯи тартиб; **дар навбати аввал** пеш аз ҳама, якумин шуда; **навбат гирифтан** барои кардани коре ё гирифтани чизе ба тартиб дар саф истодан; **навбат надодан** фурсат надодан, имконият надодан (ба касе барои коре); **навбат омадан (расидан)** ба касе аз рӯи тартиб расидани вақт ва фурсати иҷрои коре; **ба (дар) навбат истодан** бо тартиб пайи ҳам истодан барои коре ё гирифтани чизе; **дар навбати аввал гузоштан** дар ҷои якум мондан, аҳамияти махсус додан; имтиёз додан.

**НАВБАТ** II *а.* نوبت *кит.* 1. табли калон, нақора; **навбат задан** табл задан, нақора задан. 2. хаймаи бузург; боргоҳ.

**НАВБАТГОҲ** نوبتگاه посбонгоҳ, қаровулхона.

**НАВБАТДОР** نوبتدار 1. он ки мутобиқи тартибу нақшаи пешакӣ вазифаеро ба ҷо меорад: **навбатдори синф, духтури навбатдор, навбатдор шудан**. 2. посбоне, ки дар навбати худ посдорӣ мекунад.

**НАВБАТДОРӢ** نوبتداری 1. навбатдор будан, кори навбатии худро иҷро кардан. 2. посбонӣ, қаровулӣ: **навбатдорӣ кардан**.

**НАВБАТЗАН** نوبتزن посбони нақоразан, ки дар вақтҳои муайян нақора мезанад, нақоразан, нақорачӣ.

**НАВБАТИГОҲ** نوبتیگاه *кит.* хаймаи калони посбонӣ, ки онро боргоҳ ҳам мегӯянд.

**НАВБАТӢ** نوبتی *мансуб ба* **навбат**; он чи бо тартиби муайян, пайи ҳам карда мешавад: **маҷлиси навбатӣ**, **рухсатии навбатӣ**; **шӯхии навбатӣ** ҳазлу шӯхии ҳамешагӣ, ҳарвақтина.

**НАВБАТНАВОЗ** نوبتنواز *ниг.* **навбатзан**.

**НАВБАТПОЙ** نوبتپائی навбати худро мунтазир шудан.

**НАВБАТЧӢ** نوبتچی *ниг.* **навбатдор**.

**НАВБАҲОР** نوبهار аввали фасли баҳор; **абри навбаҳор, фасли навбаҳор**.

**НАВБАҲОРӢ** نوبهاری он чӣ ба аввали баҳор мансуб аст ё дар аввали баҳор рӯидааст: **гулҳои навбаҳорӣ**.

**НАВБАҲРА** نوبهره ҳосили якуми юнучқа; юнучқаи барра.

**НАВБЕХ** نوبیخ навниҳол, ниҳоли нав шинондашуда.

**НАВБОВА** نوباوه *кит.* 1. меваи аввал расида, пешпазак, аввалин меваи боғ. 2. *кит.* кӯдак, фарзанд.

**НАВБОҒ** نوباغ боғи нав, боғи навбунёд.

**НАВБОЛИҒ** نوبالغ нав ба балоғат расида, наврас.

**НАВБОРИДА** نوباریده ба тозагӣ борида, нав аз ҳаво рехта: **барфи навборида**.

**НАВБОФТА** نوبافته ба тозагӣ бофташуда.

**НАВБУНЁД** نوبنیاد нав сохташуда, ба тозагӣ биноёфта: **бинои навбунёд**, **боғи навбунёд**.

**НАВБУРУТ** نوبروت он ки нав бурут баровардааст, навхат; навҷавон.

**НАВВОБ** *а.* نواب *таър.* 1. ҷонишин, волӣ. 2. лақаби амирон ва шоҳзодагон (асосан дар Ҳинд).

**НАВГАРОӢ** نوگرائی *нав.* пайравӣ аз сабки усулҳои ҷадид, навҷӯӣ, навпардозӣ.

**НАВГАРО** نوگرا *нав.* он ки ба сабку услуби ҳозиразамон пайравӣ мекунад, навпардоз.

**НАВГОНӢ** نوگانی *нав.* 1. меваи нахустини дарахт. 2. чизи нав (тоза), чизи навбаромад.

**НАВГУЛ** نوگل 1. гули навшукуфта; дарахти соли аввал гулкарда. 2. *маҷ.* навҷавон, хусусан духтари наврас.

**НАВҒОН** نوغان *кит.* тухми кирмак, кирми пилла.

**НАВДА** نوده 1. шохчаи навраси дарахт. 2. қаламча.

**НАВДАВЛАТ** نودولت он ки нав соҳиби давлату сарват шудааст; он ки ба тозагӣ ба мансабу давлат расидааст.

**НАВДАВЛАТӢ** نودولتی навдавлат будан, акнун ба сарвату давлат расидан.

**НАВДАДАВОНӢ** نوده‌دوانی навда баровардани дарахт, **айёми навдадавонӣ** айёми шохчабарории дарахтон.

**НАВДАДОР** نوده‌دار дарахти шохчадор.

**НАВДАМ** نودم 1. ҷавон, наврас. 2. *маҷ.* навкор; одами нав ба вазифае таъйиншуда.

**НАВДАМИДА** نودمیده наврасида; наврӯида; навбаромада: **муйлаби навдамида.**

**НАВДАНДОН** نودندان кӯдаки навзоде, ки акнун дандон баровардааст.

**НАВДАНИҲОЛ** نوده‌نهال ниҳоли ҷавон, навниҳол.

**НАВДАРС** نودرس нав ба дарсхонӣ саркарда, навомӯз.

**НАВДАРСХОН** نودرس‌خوان нав ба дарсхонӣ шурӯъкарда; **талабаи навдарсхон**.

**НАВДАЪВАТ** نودعوت он ки бори аввал ва ба қарибӣ ба хизмати ҳарбӣ даъват шудааст.

**НАВДОМОД** نوداماد он ки ба тозагӣ зан гирифтааст, ҷавони навхонадор.

**НАВДӮХТА** نودوخته нав дӯхташуда, ба тозагӣ дӯхташуда.

**НАВДӮШ** نودوش **:шири навдӯш** шири нав дӯшида.

**НАВДӮШИДА**نودوشیده *сифати феълӣ ва феъли ҳол аз* **дӯшидан;** навдӯшидашуда (*оид ба* шир).

**НАВЁДГИР** نویادگیر навкор, ба тозагӣ кореро омӯхта.

**НАВЗАМИН** نوزمین замини нав киштбоб шуда, замини навкорам.

**НАВЗО** نوزا навзоида, ба қарибӣ бача таваллудкарда.

**НАВЗОД(А)** نوزاد(ه) кӯдаки навзоидашуда; нав аз модар таваллудшуда.

**НАВЗОЙ** نوزای *ниг.* **навзо.**

**НАВИГАРИДӮСТ** نویگری‌دوست дӯстдори навигарӣ; навпараст.

**НАВИГАРӢ** نویگری 1. нав будан, тозагӣ. 2. чизи нав, чизи тоза ба вукӯъ пайваста, он чи, ки то ҳол мавҷуд набуд ё зоҳир нашуда буд. 3. *гуфт.* хабари тоза, хабари нав; **навигариҳои рӯз** ахбори тоза аз вазъи замони ҳол.

**НАВИГАТСИЯ** *лот.*نویگتسیه 1. киштиронӣ (*ҳам дар об ва ҳам дар ҳаво*). 2. соҳаи илми киштиронист, ки тарзу усулҳои идораи киштиҳоро ҳам дар обу ҳам дар ҳаво меомӯзад. 3. давраи муайяне аз фасли сол, ки обу ҳаво ба киштиронӣ ва парвози киштиҳои ҳавоӣ имкон медиҳад.

**НАВИГАТСИОНӢ** نویگتسیانی *мансуб ба* **навигатсия**; **давраи навигатсионӣ** муддате, ки киштиронӣ имкон дорад.

**НАВИД** نوید мужда, хабари хуш; ваъда.

**НАВИН** نوین нав, тоза; навтарин.

**НАВИС** نویس 1. *асоси замони ҳозира аз* навиштан; **навис–навис** бо такрор ва бисёру пайва-

ста навиштан. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* нависандаи чизе*:* **номанавис, шеърнавис, ҳикоянавис**.

**НАВИСАНДА** نویسنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **навиштан**; он ки навиштааст, касе, ки иншо кардааст, нигоранда. 2. он ки машғули фаъолияти адабӣ аст, асарҳои бадеӣ эҷод мекунад; муаллифи асари бадеӣ: **Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Нависандаи халқии Тоҷикистон.**

**НАВИСАНДАГӢ** نویسندگی нависанда будан, шуғлу амали нависанда.

**НАВИСОНАВИС** نویسانویس бисёр навиштан, аз ҳад зиёд ва беҳуда навиштан.

**НАВИСОНДАН** نویساندن *тарзи бавоситаи* **навиштан**.

**НАВИШТ** نوشت *асоси замони гузаштаи* **навиштан**: **тарзи навишти ҳарфҳо**.

**НАВИШТА** نوشته 1. *феъли ҳол ва сифати феълии замони гузашта аз* **навиштан.** 2. ҳар чизи навишташуда; китобатшуда; **навишта гирифтан** рӯнавис кардан, рӯбардор кардан.

**НАВИШТАН** نوشتن 1. фикре, матлаберо рӯи (ба рӯи) коғаз овардан, нигоштан. 2. таълиф кардан, эҷод кардан, ба вуҷуд овардани асари адабӣ ё илмӣ. 3. рӯбардор кардан, рӯнавис кардан, китобат намудан.

**НАВИШТАНӢ** نوشتنی *сифати феълии замони оянда аз* **навиштан**; он чи навишта мешавад; лоиқи навиштан; муносиби навиштан.

**НАВИШТАҶОТ** نوشتجات *ҷ.* **навишта**; чизҳои навишташуда; навиштаҳо; нигоришот.

**НАВИШТОР**نوشتار навишт; (тарзи) иншо, нигориш.

**НАВИШТОРӢ** نوشتاری *мансуб ба* **навиштор**; хаттӣ, китобатӣ, иншоӣ; **забони навишторӣ** забони китобӣ; *муқоб* **гуфторӣ**.

**НАВӢ** نوی нав будан; навигарӣ, тозагӣ (*нисбат ба пайдоиш*): **тарафдори навӣ**.

**НАВКАНДА** نوکنده 1. ба тозагӣ кандашуда, нав кофташуда; **ҷӯи навканда**. 2. ба тозагӣ аз дарахт чида ё аз палак ҷудо карда: **харбузаи навканда**.

**НАВКАР//НӮКАР** نوکر 1. мулозим, хизматгор, чокар. 2. *таър.* аскари як дастаи низомӣ дар аморати Бухоро.

**НАВКАРӢ//НӮКАРӢ** نوکری 1. хизматгорӣ, чокарӣ, пешхизматӣ. 2. *таър.* хизмат дар дастаи низомии навкарон.

**НАВКАРОНА//НӮКАРОНА** نوکرانه монанди навкар, шабеҳи хизматгор; чоплусона. 2. *таър.* хизматона ба навкар.

**НАВКИСА** نوکیسه он ки нав соҳиби пулу мол шудааст, одами нав пулдоршуда.

**НАВКОР** نوکار касе, ки ба ягон кор нав шурӯъ кардааст ва таҷрибаи корӣ надорад.

**НАВКОРАМ** نوکارم ба тозагӣ кишт шуда, навкишт; **замини навкорам** замини нокорами ба тозагӣ обёрӣ ва корамшуда.

**НАВКОРӢ** نوکاری навкор будан дар коре, камтаҷриба будан.

**НАВҚАЛАМ** نوقلم *маҷ.* он ки тоза ба нависандагӣ шурӯъ кардааст: **адиби навқалам**.

**НАВҚИРАВ** نوقرو нав; истифоданашуда; **корди навқирав** корди нав тезкарда.

**НАВҚИРОН** نوقران 1. ба тозагӣ наздикшуда, пайваста ба чизе. 2. *нуҷ.* ба тозагӣ ба ҳам наздикшуда дар як бурҷ (*оид ба*ситораҳо).

**НАВҚОН** نوقان хӯшаҳои гандум, ки ҳангоми дарав ба замин мерезанд.

**НАВМ** *а.*نوم *кит.* хоб.

**НАВМАШҚ** نومشق он ки ба тозагӣ ба машқе шурӯъ кардааст, навёдгир, навкор.

**НАВМЕД** نومید *ниг.* **ноумед**.

**НАВМЕДӢ** نومیدی *ниг.* **ноумедӣ**; **бо навмедӣ** ноумедона, умедро канда; **ба навмедӣ андохтан** маъюс кардан, ноумед кардан *(касеро);* **ба навмедӣ афтодан** ноумед шудан, маъюс гаштан.

**НАВМЕДОНА** نومیدانه *ниг.* **ноумедӣ**.

**НАВНИҲОЛ** نونهال 1. ниҳоли нав, ниҳоли ба тозагӣ шинондашуда; дарахти ҷавон. 2. *маҷ.* навҷавон, наврас. 3. *маҷ.* он, ки ба коре ё шуғле ба тозагӣ шурӯъ кардааст; **навниҳоли боғи санъат** ҳунарманди ҷавон; **навниҳоли адабиёт** адиби ҷавон.

**НАВО** I نوا 1. садо, овоз; нағма, оҳанг; нола. 2. номи мақоми сеюм аз оҳангҳои “Шашмақом”; **созу наво** нағмаву овоз, оҳангу суруд.

**НАВО** II نوا 1. хӯрок, чизҳои хурданӣ, ғизо. 2. воситаҳои зиндагӣ, чизу чораи рӯзгор; **нарху наво** баҳову арзиши чизҳо дар бозор. 3. насиб, рӯзӣ. 4. сарват, дороӣ, боигарӣ.

**НАВО** نوا **III** *а.* نوا тухми хурмо, донаи хурмо.

**НАВОБАХШ** نوابخش *кит.* рӯзирасон, раззоқ.

**НАВОБОД** نوآباد нав ободшуда, нав бун-ёдшуда, нав ба вуҷуд овардашуда, навбунёд.

**НАВОВАР**نوآور ҷорикунандаи навигариҳо; он ки дар кору касби худ ягон навигарии муфид медарорад ва ё усулу тарзи нав, фикри тозае пешниҳод мекунад.

**НАВОВАРӢ** نوآوری 1. навигарӣ даровардан. 2. нававар будан, фаъолияти нававар.

**НАВОГАР** نواگر мутриб, сароянда, созанда, навозанда.

**НАВОДИР** *а.*نوادر *ҷ.* **нодир**; чизҳои камёб ва кам дучоршаванда.

**навоз** 1. *асоси замони ҳозира аз* **навохтан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* навозанда: **оҳангнавоз**, **дуторнавоз**, **торнавоз**. 3. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* навозишкунанда: **меҳмоннавоз**, **дилнавоз**, **рӯҳнавоз**.

**НАВОЗ** نواز навозиш, меҳрубонӣ.

**НАВОЗАНДА**نوازنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **навохтан**. 2. мутриб, созанда.

**НАВОЗАНДАГӢ** نوازندگی навохтани асбобҳои мусиқӣ; касби навозандаи олатҳои мусиқӣ, ҳунари навохтан.

**НАВОЗИШ** I نوازش меҳрубонӣ, шафқат; дилҷӯӣ, **навозиши модар**, **лутфу навозиш**; **бо навозиш** навозишкорона, меҳрубонона; **навозиш кардан** меҳрубонӣ кардан, дилҷӯӣ кардан, дӯстдорӣ намудан.

**НАВОЗИШ** II نوازش мутрибӣ, сознавозӣ; нағмаву суруд.

**НАВОЗИШГАР** نوازشگر *ниг.* **навозишкор**.

**НАВОЗИШКОР** نوازشکار меҳрубон, дилҷӯ, боилтифот.

**НАВОЗИШКОРОНА** نوازشکارانه бо навозиш, бо меҳрубонӣ, меҳрубонона, илтифоткорона.

**НАВОЗИШКОРӢ** نوازشکاری навозиш, дилҷӯӣ, меҳрубонӣ.

**НАВОИН** نوآئین 1. нав пайдошуда, навбаромад, тозабаромад. 2. *кит.* зебо ва ороста.

**НАВОҚИС** *а.* نواقص *кит., ҷ.* **нақс**.

**НАВОЛ** *а.* نوال *кит.* 1. ато, бахшиш, ҳадя. 2. насиб, баҳра.

**НАВОЛА** نواله 1. хӯрок, таом, тӯша; микдори як бор хӯрдани чизе, як миқдор хӯроке, ки барои касе ҷудо карда мешавад. 2. кулӯлаи хамир, (зувола) кулӯлаи ягон чизи хӯрданӣ; луқма. 3. ризқ.

**НАВОЛАБУР** نوالهبر корди хамирбурӣ.

**НАВОМАДА** نوآمده он ки ба ҷое ба тозагӣ омадааст.

**НАВОМӮЗ** نوآموز 1. он ки нав ба омӯхтан сар кардааст, навшогирд. 2. он ки дар коре ҳанӯз таҷриба надорад, навкор.

**НАВОН** نوان *кит.* 1. *сифати феълӣ ва феъли ҳоли замони ҳозира аз* **навидан**. 2. хамида, хамшуда, дуто. 3. *маҷ.* суст ва заиф; ⌑ **сарви навон** маҳбубаи хушрафтор, ёри хиромон.

**навор** نوار *асоси замони ҳозира аз* **наворидан;** навоштан.

**НАВОР** نوار 1. риштаи сербари тасмамонанд аз матоъ, чарм ё чизҳои эластикӣ; канора, зеҳ, шероза, лента. 2. лентаи филмгирӣ; **ба навор гирифтан (бардоштан)** а) ба лента сабт кардани овоз ё сурате; б) филмро дар навор сабт кардан, филм бардоштан.

**НАВОРБАРДОР** نواربردار *нав.* дар телевизион ва кино: мутахассисе, ки намоиш ва саҳнаҳоро дар навор сабт мекунад, мутахассиси аксбардор; наворгир, филмбардор.

**НАВОРБАРДОРӢ** نواربرداری *исми амал* **ба навор бардоштан**; шуғл ва кори наворбардор.

**НАВОРГИР** نوارگیر *ниг.* **наворбардор**.

**НАВОРГИРӢ** نوارگیری *ниг.* **наворбардорӣ**.

**НАВОРДОР** نواردار дорои навор, навордошта: **дастгоҳи навордори суратгирӣ**.

**НАВОРШАКЛ** نوارشکل шакли наворро дошта.

**НАВОСА** نواسه *ниг.* **набаса**.

**НАВОСАНҶ** نواسنج *кит.* 1. сароянда, ҳофиз, овозхон; навозанда. 2. *маҷ.* касе, ки қадру қимати сухани мавзунро медонад, сухансанҷ, саррофи сухан, сухандон.

**НАВОСОЗ** نواساز нағмахон, сурудхон, таронагӯй.

**НАВОФАРИН** نوآفرين касе, ки чизи нав месозад; нововар.

**НАВОХОН** نواخوان сурудхон, нағмахон; **мурғи навохон** булбул.

**НАВОХОНӢ** نواخوانى сурудхонӣ, нағмахонӣ, нағмасароӣ.

**НАВОХТ** I نواخت навозиш, меҳрубонӣ, дилҷӯӣ.

**НАВОХТ** II نواخت оҳанг, суруд, тарона.

**НАВОХТАН** I نواختن асбоби мусиқиро ба садо даровардан, созандагӣ кардан; **шикам (аз гуруснагӣ) танбӯр навохтан** *киноя аз* хеле гурусна будан.

**НАВОХТАН** II نواختن навозиш кардан, меҳрубонӣ, дилҷӯӣ кардан, илтифот зоҳир намудан.

**НАВОҲИНИШИН** نواحى‌نشين муқими ноҳия, сокини ноҳия.

**НАВОҲӢ** *а.* نواحى *ҷ.* **ноҳия; дар ин навоҳӣ** дар ин наздикиҳо.

**НАВПАР** نوپر ба тозагӣ пару бол бароварда, нав ба парвоз сар карда: **чӯҷаи навпар**.

**НАВПАРАСТ** نوپرست толиб ва ишқбози ҳар як чизи нав.

**НАВПАРВОЗ** نوپرواز нав ба парвоз (паридан) сар карда: **мурғи навпарвоз**.

**НАВПАРДОЗ** نوپرداز 1. нав пардоз (рангубор) додашуда: **кафши навпардоз**. 2. тарафдори навӣ, нововар:**шоири навпардоз**.

**НАВПУХТ(А)** نوپخت//نوپخته ҳар чизи ба тозагӣ пухташуда, расида: **таоми навпухта**, **ҷави навпухта**.

**НАВРАС** نورس 1. нав қадкашида, нав ба камолрасида: **ҷавони наврас; насли наврас** насли ҷавон, ҷавонон. 2. навпухта: **меваи наврас**.

**НАВРАСИДА** نورسيده *ниг.* **наврас**.

**НАВРАСТА** نورسته наврас, наврасида: наврӯида, наврӯста (оид ба растаниҳо): **алафи наврасида**.

**НАВРЕХТА** نوريخته ба тозагӣ афтида; чакида: ҳамин ҳоло: **шабнами наврехта**.

**НАВРАСӢ** نورسى навҷавонӣ; ҷавонӣ: **айёми наврасӣ** замони (давраи, солҳои) наврас будан.

**НАВРИШ** نوريش нав ришбароварда, ба тозагӣ ришаш дамида: **ҷавони навриш**.

**НАВРУСТА** نورسته наврӯида; **гули навруста** а) гули ба тозагӣ сабзида; гули навшукуфта; б) *киноя аз* маҳбуба, маъшуқа.

**НАВРӮЗ** نوروز 1. рӯзи аввали соли ҳиҷрии шамсӣ, ки ба 21 март баробар меояд ва ин рӯз иди соли нав аст; **иди Наврӯз**. 2. умуман ид, ҷашн.

**НАВРӮЗГОР**نوروزگار нав хонадоршуда, марде, ки нав зан гирифтааст ё зане, ки нав шавҳар кардааст.

**НАВРӮЗӢ** نوروزى 1. *мансуб ба* **наврӯз**: **сайри наврӯзӣ**. 2. тӯҳфаи идона ба муносибати ҷашни наврӯз: **идии наврӯзӣ**.

**НАВРӮЗМОҲ** نوروزماه моҳи наврӯз, фарвардии моҳ.

**НАВРӮИДА** نوروئيده *ниг.* **навруста**.

**НАВСАБЗ**نوسبز ба тозагӣ сабзшуда, он чи нав сабз шудааст: **дарахтони навсабз**.

**НАВСАБЗИДА** نوسبزيده *ниг.* **навсабз**: **баргҳои навсабзида**.

**НАВСАВОД** نوسواد нав саводбароварда, акнун саводаш баромада: **бачаи навсавод**.

**НАВСОЗӢ** نوسازى *исми амал аз* **нав сохтан**; дигаргунсозӣ: **навсозиҳои инқилобӣ**.

**НАВСОХТ** نوساخت нав сохташуда, навбунёд: **бинои навсохт**.

**НАВТАҲСИЛ** نوتحصيل он ки нав ба таҳсил шурӯъ кардааст.

**НАВТАШКИЛ** نوتشکيل ба тозагӣ шакл гирифта, созмонёфта, навбунёд.

**НАВТАЪСИС** نوتأسيس ба тозагӣ бунёд шуда,

асос гузошта.

**НАВФИКР** نوفکر шахси соҳиби тафаккури ҷадид.

**НАВХАТ** نوخط мӯйлабу ришаш акнун дамида: **ҷавони навхат**.

**НАВХАТМ** نوختم он ки таҳсилро дар мактаб нав ба итмом расонидааст.

**НАВХЕЗ** نوخیز 1. гиёҳи ба тозагӣ аз замин баромада, наврӯида, навсабз: **сабзаҳои (гиёҳҳои) навхез**. 2. наврас, ҷавон.

**НАВХОНАДОР** نوخانه‌دار он ки нав зан гирифтааст ё шавҳар кардааст.

**НАВХОСТА** نوخواسته *ниг.* **навхез: гулҳои навхоста**.

**НАВҲА** *а.* نوحه фиғон, зорӣ, нола, шеван, гиря бо овози баланд дар азову мусибате: **навҳаву фиғон; навҳа кардан** сӯзу гудози худро бо овози баланд ифода кардан; гирис-тан, гиря кардан.

**НАВҲАГАР** نوحه‌گر он ки дар мотам нолаву фиғон мекунад, овозандоз, гирякунанда.

**НАВҲАГАРӢ** نوحه‌گری гиряву зорӣ бо суруди мотам, овозандозӣ.

**НАВҲАСАРО** نوحه‌سرا *ниг.* **навҳагар**.

**НАВҲАСАРОӢ** نوحه‌سرای навҳа кардан, суруди мотамӣ хондан.

**НАВҲАХОНӢ** نوحه‌خوانی *ниг.* **навҳасароӣ**.

**НАВЧА** نوچه 1. нозукандом, қадбаланд, баландқомат: **одами навча**. 2. *кҳн.* хидматгор, қарорӣ, пешхизмат; шогирди саисхона.

**НАВҶАБА** نوجبه *кҳн.* сел, селоб.

**НАВҶАВОН** نوجوان тозаҷавон, ҷавони нав ба балоғат расида.

**НАВҶАВОНӢ** نوجوانی айёми аввали ҷавонӣ, наврасӣ.

**НАВҶӮ** نوجو ҷӯяндаи навигарӣ, нововар.

**НАВҶӮШ** نوجوش 1. *ниг.* **навдӯш**. 2. ба тозагӣ ба ҷӯш омада (*нисбат ба* моеъ).

**НАВШИРА** نوشیره нав ба шира даромада, тоза ширагирифта(*оид ба* меваҳо).

**НАВШОГИРД** نوشاگرد шогирди нав, нав шогирдшуда.

**НАВШОДИР** نوشادر *хим.* моддаи сафеди кристаллӣ, ки дар техникаву тиб истифода мешавад, хлориди аммоний: **ҷавҳари навшодир**.

**НАВШУДА** نوشده аз нав сохташуда; дигаргуншуда, тағйирёфта.

**НАВШУДГОР** نوشدگار ба тозагӣ шудгоршуда: **замини навшудгор**.

**НАВШУКУФТА** نوشکفته гули ба тозагӣ кушодашуда, шукуфаҳояш нав намоёншуда: **гулҳои навшукуфта**; ⌑ **оташи навшукуфта** оташи ҳамин ҳозир даргирифта, оташи ба тозагӣ шӯълаваршуда, нав лахчашуда.

**НАВЪ** *а.* نوع 1. хел, ҷинс: **навъи аъло**, **навъҳои нави пахта**; **навъи башар** инсоният, одамизод; **ба навъҳо ҷудо кардан** чизеро мувофиқи сифаташ ба хелҳо ҷудо кардан. 2. тавр, тарз, гуна; **як навъ** а) як хел, навъе, ким -чи хел; б) ба тавре, тавре карда; базур; в) *мас.,* бад нест, мешавад (ҷавобан ба суоли «аҳволатон чӣ хел аст?»); **ба ҳар навъе ки бошад**... ба ҳар роҳе, ки бошад; илоҷе ёфта, чорае андешида; **чи навъ шуда** бо кадом роҳ, чи гуна, бо кадом усул; **як навъ карда** илоҷе ёфта, бо як роҳе, тавре карда; **ҳар навъ карда** а) илоҷе ёфта; бо ягон роҳ. б) чи хеле ки набошад, бо ҳар роҳ

**НАВЪӢ** نوعی 1. *мансуб ба* **навъ**. 2. *биол.* ҷинсӣ, зотӣ.

**НАВЪСАНҶӢ** نوع‌سنجی *кишов.* тухмисанҷӣ.

**НАВЭҶОД** نوایجاد ба тозагӣ эҷодшуда; навбунёд, навсохт.

**НАГАН** نگن як навъ таппончаи ҳафттира, ки тирдони чархзананда дорад.

**НАГУН** نگون сар зеру по боло, сарозер, вож-гун.

**НАГУНБАХТ** نگون‌بخت баргаштабахт, бадбахт.

**НАГУНБАХТӢ** نگون‌بختی нагунбахт будан; шӯрбахтӣ, сияҳбахтӣ.

**НАГУНСОР** نگونسار чаппа, сарнагун, подарҳаво: **нагунсор шудан** сарнагун шудан, аз байн рафтан.

**НАГҲАТ** نگهت *ниг.* **накҳат**.

**НАҒЗ** نغز 1. хуб, некӯ, писандида. 2. бо сифати хуб, бомуваффақият: **амалиёт нағз гузашт**. 3. ба хубӣ, хеле хуб, ба ваҷҳи аҳсан; **нағзаш**

беҳтараш, беҳтар он аст, ки...: **нағзаш ҳамин ки...; нағз дидан** а) ба хубӣ дидан, бо диққат аз назар гузарондан: **ҳар тарафро нағз дида баромадан;** б) дӯст доштан**; нағз донистан** ба хубӣ донистан, хеле хуб огоҳ будан аз чизе; **нағзу бад шудан** ҷангу ҷанҷол кардан бо касе, сурху сафед шудан**; нағз шудан** а) хуб шудан; б) саломат шудан, сиҳат шудан; **нағз кардед** кори хуб кардед; **нағз монед!** сиҳату саломат бошед *(вақти видоъ мегӯянд)*; **нағз равед!** роҳи сафед! тинҷу осуда рафта расед!; **нағз нашудан** анҷомаш хуб набудан, оқибаташ ташвишовар будан; **нағз не** хуб не, кори нек не, маъқул не, писандида не.

**НАҒЗАК** نغزک 1. *тиб.* бемории бачагонаи сирояткунанда, ки бар асари он ба бадан обила мебарояд, чечак. 2. доғе, ки дар рӯй баъди обилаи нағзак мондааст; **доғи нағзак** доғи боқимонда аз обилаи нағзак; **нағзак кандан, нағзак буридан** барои пешгирӣ аз бемории нағзак заррае аз барангезонандаи ин касалиро ба организм гузаронидан, ки бо дусе дона чечак баровардан бача аз хавф халос мешавад; чечак кандан, обилакӯбӣ кардан.

**НАҒЗАКАК** نغزکک 1. *шакли навозишии* **нағз**. 2. хушнамуд, дилписанд, назаррабо: **ҳавлии нағзакак; духтарчаи нағзакак** духтарчаи хушрӯяку зебо. 3. бисёртар, бештар, ба қадри кофӣ, ба дараҷаи даркорӣ.

**НАҒЗАКБУРӢ** نغزکبری *ниг.* **нағзакканӣ**.

**НАҒЗАКДОР**نغزکدار он ки доғи нағзак дорад.

**НАҒЗАККАНӢ** نغزککنی *исми амал аз* **нағзак кандан;** нағзаккӯбӣ.

**НАҒЗАККӮБӢ** نغزککوبی *ниг.* **нағзак кандан**.

**НАҒЗӢ** نغزی 1. хубӣ, имтиёз, бартарӣ. 2. некӣ, некӯкорӣ; *муқоб.* **бадӣ; нағзӣ кардан** некӣ кардан; фоида ё ёрӣ расондан.

**НАҒИЛ** نغل *кҳн.* ҷое, ки дар саҳро ва домани кӯҳ барои паноҳ гирифтани гӯсфандон тавора кашида ё канда шудааст.

**НАҒМА** نغمه 1. наво, оҳанг, лаҳн; хониш, суруд: **нағмаи дутор, нағмаи мурғони чаман, гоҳ нағмаю усул, гоҳ Худою расул.** 2. *маҷ.* рафтори бад, рафтори нозеб. 3. *маҷ.* ҳила, найранг; **нағма баровардан** рафтори бад нишон додан, кори ношоиста ва номақбул кардан; ⌑ **ба нағмаи** *касе* **бозидан** бо гуфти касе кор кардан, мувофиқи майли касе амал кардан; дар таҳти таъсири касе будан.

**НАҒМАБОЗ** نغمه‌باز *ниг.* **нағмагар** 3.

**НАҒМАБОЗӢ** نغمه‌بازی найрангбозӣ, шӯъбадабозӣ.

**НАҒМАГАР** نغمه‌گر 1. навозанда. 2. сароянда. 3. *маҷ.* найрангбоз, шӯъбадабоз.

**НАҒМАНАВОЗ** نغمه‌نواز навозанда, мусиқинавоз, мутриб.

**НАҒМАНАВОЗӢ** نغمه‌نوازی навозандагӣ, мутрибӣ.

**НАҒМАПАРДОЗ** نغمه‌پرداز *ниг.* **нағмасаро**.

**НАҒМАПАРДОЗӢ** نغمه‌پردازی *ниг.* **нағмасароӣ**.

**НАҒМАСАРО** نغمه‌سرا нағмахон, сароянда, мутриб.

**НАҒМАСАРОӢ** نغمه‌سرائی суруд хондан; **нағмасароӣ кардан** сурудхонӣ кардан.

**НАҒМАТИРОЗ** نغمه‌تراز//نغمه‌طراز нағмапардоз, нағмахон.

**НАҒМАХОН** نغمه‌خوان *ниг.* **нағмасаро**.

**НАҒОМ** *а.* نغام *кит.* 1. зарраҳои чанг, ки дар ҳаво пароканда мешаванд. 2. тира, сиёҳранг. 3. бад, зишт.

**НАҒОРА** *а.* نغاره *ниг.* **нақора**.

**НАҒОРАЗАН** نغاره‌زن *ниг.* **нақоразан**.

**НАҒОРАЗАНӢ** نغاره‌زنی ниг. **нақоразанӣ**.

**НАҒОРАЧӮБ** نغاره‌چوب *ниг.* **нақорачӯб**.

**НАДАБ** *а.* ندب *кит.* 1. ҷой ва асари захм. 2. гарав, шартбандӣ дар қимор ё дар тирандозӣ.

**НАДАМ** *а.* ندم *кит.* пушаймонӣ, надомат, афсӯс.

**НАДВА** *а.* ندوه гурӯҳ, анҷуман; маҳфил.

**НАДДОФ** *а.* نداف тит ва ғоз-ғозкунандаи пашм, пахта *ва г.* (*барои нарм шудани он*), ҳаллоҷ, пайанда.

**НАДДОФӢ** ندافی тит кардани пашм, пахта, пайандагӣ (*ҳоло ин амалро мошин анҷом медиҳад*); кору касби наддоф.

**НАДДОФХОНА** ندافخانه ҷои наддофӣ, ҷои пайидан.

**НАДИД** *а.* ندید *кит.* монанд, ҳамто, назир.

**НАДИМ** *а.* ندیم ҳамнишини шахсони бузург (*аз қабили* амирону шоҳон); ҳамсӯҳбат, ҳамдам.

**НАДИМӢ** ندیمی мусоҳибӣ, муқаррабиву ҳамнишинии амирону шоҳон.

**НАДӢ** *а.* ندی *кит.* тарӣ, намӣ, рутубат; *муқоб.* **хушкӣ**.

**НАДОМАТ** *а.* ندامت афсӯс, таассуф, пушаймонӣ; **ҳасрату надомат кардан** афсӯс хӯрдан, таассуф кардан; пушаймонӣ изҳор намудан.

**НАДОМАТЗАДА** ندامت‌زده пушаймоншуда, афсӯсхӯрда.

**НАЁМ//НИЁМ** نیام ғилоф; ғилофи шамшер.

**НАЖАНД** نژند *кҳн.* ғамгин, андӯҳгин, афсурда, пажмурда.

**НАЖОД** نژاد 1. насл, авлод. 2. ирқ.

**НАЖОДӢ** نژادی *мансуб ба* **нажод**; аз ҷиҳати нажод.

**НАЖОДПАРАСТ** نژادپرست тарафдор ва пайрави равияи нажодпарастӣ; он ки нажоди худро аз дигарон болотар медонад ва нажодҳои дигарро паст мезанад.

**НАЖОДПАРАСТӢ** نژادپرستی назарияи зиддиилмии иртиҷоӣ, ки ба даъвои нобаробарии башар, ки гӯё ирқи олӣ аз азал лоиқи ҳукмронӣ бошаду насибаи ирқи паст итоату заҳмат асос ёфтааст.

**НАЖОДПАРАСТОНА** نژادپرستانه ҳамчун нажодпараст; аз нуқтаи назари нажодпарастӣ; **сиёсати нажодпарастона** сиёсати давлатие, ки ба назария ва равияи нажодпарастӣ асос ёфтааст.

**НАЖОДШИНОСӢ** نژادشناسی як шохаи илми мардумшиносӣ (этнография), ки масъалаҳои пайдоиши ирқу нажоди халқҳоро меомӯзад.

**Н-АЗ** نز *шакли кӯтоҳшудаи* **на аз**.

**НАЗАР** *а.* نظر 1. нигоҳ, дид; **назар андохтан (афкандан)** нигоҳ кардан; аз назар гузаронидан (чизеро, ҷоеро); **назараш афтидан** дида мондан (касе, чизеро); **назар давонидан** тез нигоҳ кардан; назар гузарондан; **назар дӯхтан** бо диққат нигоҳ кардан; **назар кардан** нигоҳ кардан; **аз назар нопадид шудан** дида нашудан, нонамоён гаштан, ғоиб гаштан; **аз назар пинҳон шудан** нопадид гаштан. 2. *маҷ.* чашм, дида; **назар доштан** чашм доштан, чашми умед доштан; **назар ба...** а) нисбат ба...., аз чизе дида…; б) бино бар..., аз рӯи..., мувофиқи...: **назар ба фикри вай, назар ба қавли вай.** 3. *маҷ.* фикр, мулоҳиза; **нуқтаи назар** фикр ва мулоҳизаи касе дар бораи масъалае; **аз нуқтаи назари...** аз рӯи ақидаи..., ба фикри..., бино бар диди...; **ба назар** зоҳиран, гӯё; **ба назарам...** ба фикрам, бино ба пиндоштам; **ба назари аввал** дар нигоҳи нахуст; гӯё ки, чунин менамояд, ки… **ба назар намоён** а) шоёни диққат, диққатҷалбкунанда; б) *маҷ.* муътабар, шинохта; **ба назари истеҳзо** истеҳзоомез; **бо назари тааҷҷуб** тааҷубомезона; **дар назари…** ба фикри…, аз рӯи ақидаи… **доираи назар** ҳудуди биниш, ҷаҳонбинӣ; **аз мадди назари**… дар пеши чашми…, ба он нигоҳ накарда; **назараш паст**… *киноя аз* дунҳиммат, мумсик, хасис; **аз назар гузарондан** а) як-як дида баромадан, санҷишкорона нигоҳ кардан; б) *маҷ.* хондан, мутолиа кардан; **аз назар дур нарафтан** доим дар пеши чашм будан, ба чашм намуда истодан, аз ёд набаромадан. **аз назар ғоиб шудан** нопадид гаштан, нонамоён шудан; **ба назар афтодан** ногоҳ дида шудан, нохост намоён шудан; **ба назар гирифтан** *кин.* ба эътибор гирифтан, эътибор додан, ба ҳисоб гирифтан; **ба назар намудан** намоён шудан, ба чашм расидан; **ба назар нанамудан** *кин.* беаҳамият ҳисоб кардан; мавриди эътибор қарор нагирифтан. **ба назар овардан** ба ёд овардан; **ба назар тофтан** дида шудан, ба чашм намудан, ба чашм афтодан; **ба пеши назар овардан** а) тасаввур кардан; б) намоён кардан, зоҳир сохтан, намоёндан **ба пеши назар омадан** намоён шудан, дида шудан (*дар тасаввур, дар хаёл*); **дар зери назар гирифтан** *киноя аз* дида истодан, назорат кардан; **дар назар доштан** *киноя аз* ба эътибор гирифтан, ба асос гирифтан; **дар (ба) назар чунин намудан** чунин тофтан, гӯё, зоҳиран; **манзури назари** *касе* **кардан** ба касе нишон додан.

**НАЗАРАН** *а.* نظراً назар ба … нисбат ба…; аз рӯи… , мувофиқи….

**НАЗАРБАЛАНД** نظربلند 1. ҳавобаланд, худписанд, мағрур. 2. бовиқор, сахт.

**НАЗАРБАЛАНДӢ** نظربلندی 1. ҳавобаландӣ,

мағрурӣ, худписандӣ. 2. виқор, ҳиммат, саховат.

**НАЗАРБАЛАНДОНА** نظربلندانه 1. ҳавобаландона, худписандона, мағрурона. 2. ҳимматбаландона, саховатмандона.

**НАЗАРБАНД** نظربند *маҷ.* он ки рафтору кирдораш ба таври пинҳонӣ тафтиш ва назорат мешавад, зери назорат гирифта, таги чашм кардашуда.

**НАЗАРБОЗ** نظرباز 1. карашмакунанда, ишвагар. 2. *маҷ.* ошиқи дидори хубрӯён; ишқварзанда.

**НАЗАРБОЗӢ** نظربازی 1. назарбоз будан; ишвагарӣ. 2. *маҷ.* назар кардан ба чеҳраи хубрӯён, чашмчаронӣ; ишқварзӣ.

**НАЗАРГАҲ** نظرگه *ниг.* **назаргоҳ**.

**НАЗАРГИР** نظرگیر *маҷ.* назаррабо, диққатҷалбкунанда, эътиборро ба худ кашанда; *муқоб.* **назарногир**.

**НАЗАРГОҲ** نظرگاه 1. ҷои назар кардан, ҷои нигоҳ кардан, тамошогоҳ. 2. мазори пайғамбарон ва мардумони порсо.

**НАЗАРДИД** نظردید андоза кардан бо чашм; **ба назардид** ба тахмин, аз рӯи тахмин.

**НАЗАРДӮЗ** نظردوز нигоҳкунанда, бо диққат бинанда.

**НАЗАРИЁТ** *а.* نظریات *ниг.* **назария**.

**НАЗАРИЯ** *а.* نظریه таълимот ва системаи илмии принсипҳо ва ақидаҳо, ки таҷрибаи амалиётро ҷамъбаст намуда, қонунияти табиат, ҷамъият ва тафаккурро инъикос менамояд: **назария ва амалия**.

**НАЗАРИЯВӢ** نظریه‌وی *мансуб ба* **назария**; ба назария асосёфта: **хулосаи назариявӣ**.

**НАЗАРИЯДОН** نظریه‌دان он ки бо назария машғул аст; олиме, ки дар соҳаи ягон илм таълимоту ақидаи худро эҷод кардааст.

**НАЗАРӢ** نظری *ниг.* **назариявӣ**.

**НАЗАРКАРДА** نظرکرده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* назар кардан. 2. ба лутфу марҳамати Худо сазоворшуда, аз илтифоти Худо баҳрабурда.

**НАЗАРМАҲДУД** نظرمحدود он ки доираи дониш ва бинишаш маҳдуд аст, шахси доираи мафкурааш танг тангназар.

**НАЗАРНОГИР** نظرناگیر ҳар чиз ё касе, ки бинанда онро ба назари эътибор намегирад, вале дар ҳақиқат муҳим аст; ба назар нонамоён, дур аз эътибор, берун аз доираи диққат; **воқеаи назарногир; одами назарногир** одаме, ки бо ягон рафтору хислаташ диққати касро ба худ ҷалб намекунад; одами одӣ.

**НАЗАРНОГИРӢ** نظرناگیری назарногир будан, беэътиборӣ; ҳавобаландӣ, мағрурӣ.

**НАЗАРНОГИРОНА** نظرناگیرانه беэътиборона, беаҳамиятона; ҳавобаландона, мағрурона: **назарногирона нигоҳ кардан**.

**НАЗАРПАРАСТ** نظرپرست *ниг.* **назарбоз**.

**НАЗАРПАСТ** نظرپست *маҷ.* дунҳиммат, хасис, мумсик, ба чизҳои майда чуйда аҳамиятдиҳанда.

**НАЗАРПИСАНД** نظرپسند диққатҷалбкунанда, эътиборро ба худ кашанда, назаррабо.

**НАЗАРПУРСӢ** نظرپرسی *ниг.* **раъйпурсӣ**.

**НАЗАРРАБО** نظربا диққатҷалбкунанда, дилкаш, зебо: **манзараи назаррабо**.

**НАЗАРРАБОӢ** نظربای назаррабо будан, дилрабоӣ, дилкашӣ; ҷозибанокӣ.

**НАЗАРРАС** نظررس ба чашм намоён; қобили мулоҳиза: **кори назаррас**.

**НАЗАРСАНҶӢ** نظرسنجی пурсиши назар ва андешаи гурӯҳе аз мардум дар бораи матлабе ё мавзӯи доғи рӯз; баррасии ин мавзӯъҳо, бо гурӯҳе аз мардум.

**НАЗАРТАНГ** نظرتنگ *ниг.* **тангназар**.

**НАЗАРТАНГӢ** نظرتنگی *ниг.* **тангназарӣ**.

**НАЗАРФИРЕБ** نظرفریب чизе, ки берунаш ороставу хуб, дарунаш хароб ва бад бошад ва бинанда ба зоҳири он фирефта шавад; зоҳиран дилкашу ҷаззоб.

**НАЗАРФИРЕБӢ** نظرفریبی назарфиреб будан; ҷозибӣ, дилрабоӣ дар зоҳир.

**НАЗАРХОҲ** نظرخواه толиби дидори маъшуқа, он ки орзуи дидор бо дӯсту ҳабиби худро дорад

**НАЗАРХОҲӢ** نظرخواهی 1. назар гирифтан, фикру андешаҳои дигаронро гирифтан. 2. *маҷ.* тала-

би дидори маъшуқа доштан.

**НАЗД** نزد **:назди**… пеши..., қариби (касе,чизе); **аз назди**... аз пеши..., аз паҳлуи...; **ба назди…** ба пеши…, наздики… **дар назди** а) дар пеши..., дар пахлуи..., дар ҳузури...; б) дар назари…, барои…

**НАЗДИК** نزدیک 1. он чи аз ҷиҳати макон, замон ва масофа дур намебошад, қариб; *муқоб.* **дур.** 2. қарин, ҳамдам, муқарраб: **дӯсти наздик, одами наздик; наздикон** хешу ақрабо, хешовандон. 3. монанд, шабеҳ; **наздики...** ба назди..., ба пеши… **дар ояндаи наздик** ба наздикӣ, ба қарибӣ, ба зудӣ; **дуру наздик** масофаи гуногун, гирду атроф, ҳама ҷо; **пешу наздик** гирду атроф; дар масофаи начандон дур; **наздик будан** а) қариб будан; б) *маҷ.* шинос, дӯст, ё ҳамроз будан; **наздик намондан** қариб омадан намондан, иҷозат надодан барои пеши касе омадан; **наздик намудан** алоқаманд кардан: **ба ҳаёт наздик намудани таълим; наздик омадан** а) ба қарибии ҷое, чизе расидан, қариб расидан, пеши чизе омадан; б) фаро расидан; **наздик расидан** қариб омада мондан (ба ҷое), ба қарибии ҷое омада мондан; наздик шудан; **наздик шудан** а) ба назди чизе омадан, ба қарибии касе омадан. б) қаробат пайдо кардан, шинос шудан; **аз наздик дидан** аз масофаи кам нигоҳ кардан; бевосита дидан; **аз наздик шинохтан** хуб шинохтан; ошноии бевосита доштан; **ба ҳам наздик кардан** ба ҳам шинос кардан, ба ҳам ошно кардан, қарин гардонидан; **наздик буд, ки** қариб ки, кам монда буд, ки.... **наздик монд** кам монд, қариб расидем (*ба ҷое*).

**НАЗДИКБИН** نزدیک‌بین 1. он ки фақат чизҳои дар наздикаш бударо мебинад; хирачашм. 2. *маҷ.* кӯтоҳназар, кӯтоҳандеш, бемулоҳиза, кӯтоҳназар; *муқоб.* **дурбин**.

**НАЗДИКБИНӢ** نزدیک‌بینی 1. наздикбин будан. 2. *маҷ.* кӯтоҳназарӣ, кӯтоҳандешӣ.

**НАЗДИКӢ** نزدیکی 1. ҷой ва вақти қариби чизе, қарибӣ; *муқоб.* **дурӣ**; **аз наздикӣ** аз қарибӣ, аз ҷои начандон дур. 2. қаробат, дӯстӣ, ҳамнишинӣ; **ба наздикӣ**; а) ба назди..., ба пеши... б) ба қарибӣ; дар вақтҳои наздик; **дар ин наздикӣ** а) дар ин қарибӣ, дар наздикии ин ҷо. б) дар вақтҳои наздик, ба зудӣ, анқариб; **дар наздикии...** дар қарибии..., дар ҷои наздик ба..., дар пеши...

**НАЗДИКФИКР** نزدیک‌فکر ҳамфикр, ҳамақида: **рафиқони наздикфикр**.

**НАЗДИМАКТАБӢ** نزدمکتبی воқеъ дар паҳлӯи мактаб; дар тасарруфи мактаб буда; ба мактаб робитадошта.

**НАЗДИҲАВЛИГӢ** نزدحولگی воқеъ дар назди ҳавлӣ; дар ихтиёри соҳиби ҳавлӣ буда: **замини наздиҳавлигӣ**.

**НАЗДИШАҲРӢ** نزدشهری дар наздикии шаҳр воқеъшуда; берун аз шаҳр, вале дар атрофи он воқеъгардида; **қатораи наздишаҳрӣ** қаторае, ки дар байни шаҳр ва ноҳияву деҳаҳои он рафтуо мекунад.

**НАЗЗОРА** نظاره 1. назар афкандан ба чизе, нигоҳ, биниш. 2. нигоҳкунанда, бинанда; **ба як наззора** бо як нигоҳ; **наззора кардан** дидан; тамошо кардан.

**НАЗИР** *а.* نظیر мисл, монанд; **назир надоштан** бемисл будан, беназир будан, ҳамто надоштан.

**НАЗИРА** *а.* نظیره 1. *муаннаси* **назир**; чизи монанд. 2. *адш.* шеъре, ки дар тақлид ё пайравии мавзӯъ ва вазни шеъри ягон шоир навишта шудааст: **назира гуфтан, назира навиштан**.

**НАЗИРАГӮӢ** نظیره‌گوئی *исми амал аз* **назира гуфтан**; дар пайравӣ ва ҷавоби шеъре шеъри дигар навиштан (бо ҳамон вазну қофия).

**НАЗИРАСАРОӢ** نظیره‌سرائی *ниг.* **назирагӯӣ**.

**НАЗИФ** *а.* نظیف *кит.* покиза, тоза; нозук, зариф.

**НАЗЛА** *а.* نزله *кит.* беморие, ки дар натиҷаи сармохӯрӣ пайдо мешавад ва дучори ин касалӣ атса мезанад ва аз биниаш об омада меистад, зуком.

**НАЗМ** *а.* نظم 1. тартиб, низом; интизом. 2. *адш.* каломи мавзун, шеър ; *муқоб.* **наср**; **ба назм даровардан** бо шеър навиштан, ба тарзи шеър эҷод кардан; **ба риштаи назм кашидан** манзум сохтан, назм кардан, матлаберо дар шакли назм гуфтан.

**НАЗМАН** *а.* نظماً ба шакли назм, бо шеър; **назман навиштан** бо назм навиштан.

**НАЗМӢ** نظمی *адш. мансуб ба* **назм**; манзум, шеърӣ: **асарҳои назмӣ**.

**НАЗМНАВИС** نظم‌نویس бо назм нависанда, шеърнавис, нозим, шоир.

**НАЗМШИНОСӢ** نظم‌شناسی *адш.* як шохаи адабиётшиносӣ, ки хусусиятҳои назмро меомӯзад.

**НАЗО** I نزا *ниг.* **нозо**.

**НАЗО** II نزا девори баланде, ки пеши роҳи чизе мекашиданд.

**НАЗОИР** *а.* نظائر *кит. ҷ.* **назира**.

**НАЗОКАТ** *а.* نزاکت 1. нозукӣ, латофат, зебоӣ. 2. рафтори боэҳтиромона дар муомила бо одамон, хушахлоқӣ; **бо камоли назокат** ниҳоят боодобона, хеле боэҳтиромона.

**НАЗОКАТОМЕЗ** نزاکت‌آمیز 1. боназокат; нозукона, зарифона. 2. боадабона.

**НАЗОР** I نزار *кит.* 1. заиф, лоғар, нотавон. 2. беморгуна, дардманд, ранҷур. 3. кам, андак.

**НАЗОР** II *а.* نضار тилло, зар, симу зар.

**НАЗОРА** *а.* نظاره *ниг.* **наззора**.

**НАЗОРАТ** I *а.* نظارت 1. назар кардан, нигаристан (*аз болои коре ё касе*), муроқибат; ба тахти назар гирифтан (коре ё рафтори касеро); **дар тахти (зери) назорати** *касе* дар зери назари касе, зери муроҳибати касе; **назорат кардан** зери назар доштан, муроқибат кардан, нигаҳбонӣ карда истодан. 2. тахти назар (*мушоҳида, назора*) гирифтани риояи қонун, татбиқи дастур, иҷрои фармон, тартибот *ва г.* аз тарафи ягон мақоми нозир (*ҳамчун як шакли тафтиш*): **назорати давлатӣ**, **назорати молиявӣ**, **назорати беҳдоштӣ**, **назорати техникӣ**.

**НАЗОРАТ** II *а.* نضارت *кит.* тозагӣ, обдорӣ, тароват.

**НАЗОРАТГАР** نظارت‌گر *ниг.* **назораткунанда**.

**НАЗОРАТКУНАНДА** نظارت‌کننده 1. *сифати феълии замони хозира аз* **назорат кардан**. 2. он ки назорат мекунад, назоратчӣ; нозир.

**НАЗОРАТЧӢ** نظارتچی *ниг.* **назоратгар**.

**НАЗОФАТ** *а.* نظافت *кит.* покӣ, тозагӣ, покизагӣ.

**НАЗОҲАТ** *а.* نزاهت 1. *кит.* парҳезгорӣ; покӣ ва сафват; *муқ.* **нузҳат**. 2. аз сухани носазо ва фаҳш дур будани ҳаҷв.

**НАЗР** *а.* نذر 1. *кит.* аҳд, паймон. 2. *д.* чизе, ки касе дар роҳи Худо адо кардани онро ният мекунад (*аз қабили* садақа, қурбонӣ, намоз *ва г.*) **назру ниёз** чизҳое, ки чун садақа дода мешаванд; **назр гирифтан** худоӣ, садақа ва қурбонии назриро гирифтан; **назр кардан** ният кардани иҷрои коре дар роҳи Худо, ки ба нияткунанда амри воҷиб аст.

**НАЗРДЕҲ** نذرده он ки қурбонӣ ё садақа мекунад.

**НАЗРӢ** نذری *мансуб ба* **назр**; назркарда: **пули назрӣ, чизи назрӣ**.

**НАЗЪ** *а.* نزع дами вопасин, дами марг, ҷонканӣ; **дар назъи ҷон** дар вақти ҷонканӣ.

**НАИМ** *а.* نعیم неъмат; нозу неъмат, тавонгарӣ.

**НАЙ** نی 1. растаниест, ки танаи борику дарози дарунхолии банддор дорад ва дар заминҳои заҳ ва сернам мерӯяд; қамиш. 2. *мус.* асбоби мусиқии нафасӣ, ки бештар аз най ё чӯби дарунсӯрох сохта мешавад: **най навохтан**; **найи чилим** милаи наини чилим, ки ба воситаи он дуди тамокуро ба дарун мекашанд.

**НАЙАНБОН** نی‌انبان *кҳн.* як навъ асбоби мусиқӣ, ки аз най ва халтаи чармини сӯроҳдор иборат буда, ба найи он пуф карда менавозанд, найанвон.

**НАЙБАСТ** نی‌بدست *кит.* чайла, каппа, коза.

**НАЙДАРАВ** نی‌درو *кит.* даравкунандаи най, даравгари най; замон ва мавсими найдарав.

**НАЙЗА** نیزه 1.чӯби дарози сахт, ки дар нӯгаш пайкони оҳанӣ шинонда мешавад ва яке аз силоҳҳои ҷангӣ ба шумор меравад; олати найзамонанде, ки варзишкорон дар партофтани он ба масофаи дуртар қувваозмоӣ мекунанд: **найза партофтан.** 2. қисми нӯгтези кордмонанде, ки ба нӯги туфанг устувор карда мешавад: **қади найза баланд шудани офтоб** вақти ба гармӣ додан сар кардани офтоб.

**НАЙЗААНДОЗ** نیزه‌انداز касе, ки найза мепартояд.

**НАЙЗААНДОЗӢ** نیزه‌اندازی *ниг.* **найзапартоӣ**.

**НАЙЗАБОЗ** نیزه‌باز он ки бо найза моҳирона ҷангида метавонад.

**НАЙЗАБОЗӢ** نیزه‌بازی найзазанӣ; бо найза ҷанг кардан.

**НАЙЗАБОЛО** نیزه‌بالا *кит.* воҳиди ченак, ки ба андозаи дарозии як найза баробар аст.

**НАЙЗАВАР** نیزه‌ور найзадор, ҷанговари найзадор, найзаандоз.

**НАЙЗАДОР** نیزه‌دار найзадаст; мусаллаҳ бо найза.

**НАЙЗАЗАНӢ** نیزه‌زنی *исми амал аз* **найза задан**; *ниг.* **найзабозӣ**.

**НАЙЗАПАРТОӢ** نیزه‌پرتائی 1. *исми амал аз* **найза партофтан**. 2. *варз.* найза партофтан, найза андохтан ба дурӣ.

**НАЙЗАҶАНГ** نیزه‌جنگ муҳориба ба воситаи найза.

**НАЙЗОР** نیزار ҷои рӯидани най, найистон, қамишзор.

**НАЙИН** نیین *мансуб ба* **най** 1; аз най сохташуда; **қалами найин** найқалам.

**НАЙИР** *а.* نیر *кит.* нурпошанда, рӯшноидиҳанда, равшанкунанда.

**НАЙИСТОН** نیستان *ниг.* **найзор**.

**НАЙӢ** نیی *ниг.* **найин**.

**НАЙҚАЛАМ** نی‌قلم қалами аз най сохташуда.

**НАЙЛ** *а.* نیل *кит.* расидан ба мақсад, ноил шудан ба талабе.

**НАЙЛАБАК** نی‌لبک найи хурд, ки бо лаб менавозанд.

**НАЙМОНАНД** نی‌مانند монанд ба най, лӯлашакл.

**НАЙНАВОЗ** نی‌نواز он ки най менавозад, мутриби навозандаи най.

**НАЙНАВОЗӢ** نی‌نوازی *исми амал аз* **най навохтан**; навозандагӣ дар най ҳунар ва шуғли найнавоз.

**НАЙРАНГ** نیرنگ 1. сеҳр, афсун, ҷоду; чашмбандӣ. 2. *маҷ.* ҳила, макр; фиреб, тазвир; **найрангу фиреб** макру ҳила.

**НАЙРАНГБОЗ** نیرنگباز 1. соҳир, афсунгар, ҷодугар, чашмбанд. 2. фиребгар, маккор, ҳилагар.

**НАЙРАНГБОЗӢ** نیرنگبازی 1. соҳирӣ, ҷодугарӣ; чашмбандӣ, шӯъбадабозӣ. 2. ҳилагарӣ, фиребгарӣ, маккорӣ, ҳуққабозӣ.

**НАЙРАНГСОЗ** نیرنگساز 1. *ниг.* **найрангбоз.** 2. *кит., маҷ.* моҳир, усто, одами бомаҳорат.

**НАЙРАНҶ** نیرنج *муарраби* **найранг**.

**НАЙРАНҶОТ** *а.* نیرنجات 1. *ҷ.* **найранг**. 2. соҳирӣ, ҷодугарӣ; чашмбандӣ.

**НАЙСОР//НЕСОРӢ** نی‌سرای *кит.* сипоҳӣ, лашкарӣ.

**НАЙСИТОН** نیستان *ниг.* **найистон**.

**НАЙСОН** نیسان моҳи ҳафтуми тақвими қадими суриёнӣ, ки тақрибан ба моҳи апрел баробар меояд ва аз рӯи ривоят гӯё аз қатраҳои борони ин моҳ дар даруни садаф марворид пайдо мешудааст; **абри найсон** абри моҳи найсон; **борони найсон** борони моҳи найсон; борони баҳор.

**НАЙСОНӢ** نیسانی *мансуб ба* **найсон**.

**НАЙЧА** I نیچه 1. танаи борики кӯтоҳ буридашудаи най (қамиш) ё чизи ба ин монанди дигар, ки бофандагон пудро ба он печонда дар моку мегузаронанд. 2. *тех.* номи қисмҳои гуногуни найчашакл, гилза.

**НАЙЧА** II نیچه навдача, ё шохчаи навсабзидаи дарахт, ки барои пайванд кардан бурида мегиранд.

**НАЙЧААНДОЗ** نیچه‌انداز *боф.* коргари найча тайёркунанда; ба найча ресмон печонанда.

**НАЙЧААНДОЗӢ** نیچه‌اندازی *боф.* найча андохтан, найча печондан.

**НАЙЧАМОНАНД** نیچه‌مانند ба найча монанд, мисли найча пайванди найчамонанд.

**НАЙЧАПАЙВАНД** نیچه‌پیوند пайванди найча, ба таври найча пайванд кардан.

**НАЙЧАШИША** نیچه‌شیشه шишачаи устувонаии шабеҳ ба найча, ки дар озмоишгоҳҳои тиббӣ барои хунгирӣ ва нигоҳ доштани хун ба кор мебаранд.

**НАЙЧӢ** نیچی *ниг.* **найнавоз**.

**НАЙШАКАР** نیشکر як навъ най, ки аз он шакар ҳосил карда мешавад.

**НАЙШАКАРЗОР** نیشکرزار ҷои анбӯҳи найшакар, ҷои рӯидани найшакар.

**НАКАВ** نکو **: бори накав** чизе, ки ба он даст расондан мумкин нест, чизе, ки сару кор доштан

бо он боиси ташвиши барзиёд мешавад.

**НАКБАТ** *а.* نكبت *кит.* бадбахтӣ, мусибат, сахтӣ; машаққат, ранҷ.

**НАКБАТБОР** نكبتبار *кит.* **накбатовар**.

**НАКБАТЗАДА**نكبتزده ба бадбахтӣ дучоршуда, дучори мусибат гардида.

**НАКБАТЗАДАГӢ**نكبتزدگى ба бадбахтӣ (мусибат) дучор шудан.

**НАКБАТОВАР** نكبتآور бадбахтовар, мусибатовар; машаққатовар.

**НАКБО** *а.* نكبا *кит.* боди тунду тезе, ки роҳи вазиши худро иваз ва каҷ карда миёни ду бод мевазад ва он навъҳои гуногун дорад.

**НАКИР** *а.* نكير 1. инкоркунанда. 2. *д.* номи яке аз ду фаришта, Мункиру Накир, ки пас аз марг дар гӯр ба сари мурда омада, аз ӯ гуноҳу савоби дар дунё кардаашро бозпурс мекунад.

**НАКС** I **//НИКС** *а.* نكث шикастани аҳду паймон; барҳам задани муомила ва савдо.

**НАКС** II *а.* نكس нагунсор шудан, вожгун шудан, чаппа шудан.

**НАКӮ** نكو хуб, нағз, нек: **кори накӯ, рӯзи накӯ, феъли наку; соле, ки накӯст, аз баҳораш пайдост** (*зарб.*).

**НАКӮАНДЕШ** نكوانديش *ниг.* **некандеш**.

**НАКӮАҲВОЛ** نكواحوال *ниг.* **некаҳвол**.

**НАКӮАҲВОЛӢ** نكواحوالى *ниг.* **некаҳволӣ**.

**НАКӮБАХТ** نكوبخت *ниг.* **некбахт**.

**НАКӮГӮЙ** نكوگوى *кит.* хушкалом, хушгуфтор; он ки дар ҳаққи дигарон бадгӯӣ намекунад.

**НАКӮЗОТ** نكوذات *ниг.* **некзот**.

**НАКӮӢ** نكوئى некӣ, хубӣ, нағзӣ: **накӯӣ кардан**.

**НАКӮКИРДОР** نكوكردار *ниг.* **неккирдор.**

**НАКӮКОР**نكوكار касе, ки некӣ мекунад; шахси дурусткор; *муқоб.* **бадкор.**

**НАКӮКОРӢ** نكوكارى кори нек кардан, кори хайр кардан, некӣ кардан; *муқоб.* **бадкорӣ.**

**НАКӮНОМ** نكونام *ниг.* **некном**.

**НАКӮНОМӢ** نكونامى *ниг.* **некномӣ**.

**НАКӮРОЙ** نكوراى *ниг.* **некрой**.

**НАКӮРӮЙ** نكوروى *ниг.* **некрӯй**.

**НАКӮСИРИШТ** نكوسرشت *ниг.* **нексиришт**.

**НАКӮСИФАТ** نكوصفت *ниг.* **нексифат**.

**НЕКӮСИФАТӢ** نكوصفتى *ниг.* **нексифатӣ**.

**НАКӮТОЛЕЪ** نكوطالع *ниг.* **нектолеъ**.

**НАКӮФАРҶОМ** نكوفرجام *ниг.* **некфарҷом**.

**НАКӮХИСЛАТ** نكوخصلت *ниг.* **некухислат**.

**НАКӮХИСОЛ** نكوخصال *ниг.* **некӯхислат**.

**НАКӮХОҲ** نكوخواه *ниг.* **некхох**.

**НАКӮХОҲӢ** نكوخواهى хайрхоҳӣ, дӯстӣ, некандешӣ.

**НАКӮҲИШ** نكوهش сарзаниш, маломат.

**НАКӮҲИДАН** نكوهيدن таъна кардан, сарзаниш кардан, маломат кардан, мазаммат кардан.

**НАКӮҲОЛӢ** نكوحالى *ниг.* **некӯҳолӣ.**

**НАКҲАТ** *а.* نكهت бӯи хуш, хушбӯӣ: **накҳати гул**.

**НАКҲАТОВАР** نكهتآور хушбӯиовар, оварандаи бӯи хуш: **насими накҳатовар**.

**НАҚАРОТ** *а.* نقرات 1. *ҷ.* **накр**. 2. порчае аз суруд, ки дар байни бандҳо такрор меёбад.

**НАҚБ** *а.* نقب роҳи аз зери замин кандашуда барои гузаштани одаму воситаҳои нақлиётӣ ва гузаронидани об, тунел; **нақб кандан** (кофтан) роҳи зеризаминӣ сохтан: **нақби Анзоб**.

**НАҚБАФКАН** نقبافكن *кит., ниг.* **нақбзан**.

**НАҚБАФКАНӢ** نقبافكنى *ниг.* **нақбзинӣ**.

**НАҚБЗАН** نقبزن *кит.* **нақбкан**.

**НАҚБЗАНӢ** نقبزنى *ниг.* **нақбканӣ**.

**НАҚБӢ** نقبى *мансуб ба* **нақб**; зеризаминӣ.

**НАҚБКАН** نقبكن он ки нақб меканад, он ки роҳи зеризаминӣ месозад.

**НАҚБКАНӢ** نقبكنى *исми амал аз* **нақб кандан**; роҳи зеризаминӣ кардан.

**НАҚД** I *а.* نقد 1. пули мавҷуд, пул; **пули нақд** пули мавҷуд. 2. харидуфурӯш бо супурдани маблағ вақти гирифтани мол, *муқоб.* **насия**; **нақд карда додан** пул тайёр карда додан, на-

қдан супоридан; **нақд кардан** (пулро) муҳайё ва омода кардан (пулро); **нақд шумурда додан** сари савдо ҳисоб карда додан, ҳангоми харид пардохтани қимати чизе. 3. тайёр, мавҷуда; **шуши нақд беҳ аз дунбаи насия** (*зарб.*). 4. бечуну чаро, ҳатман, *гуфт.* ба куллӣ, тамоман. 5. *кит.* сара кардани тиллову танга; ◊ **нақди адабӣ** *ниг.* **танқиди адабӣ; ба нақди** ҷон дода..., ҷон фидо карда..., ба ивази ҷон.

**НАҚД** II *а.* نقد (пул ва тилло)-и холис, сара.

**НАҚДА** *а.* نقده пули мавҷуд, нақд.

**НАҚДАН** *а.* نقداً бо пули мавҷуд, нақд.

**НАҚДИНА** نقدینه 1. пули нақд, пули мавҷуд. 2. пул, маблағ.

**НАҚДОНАҚД** نقدانقد нақдан, ба пули нақд.

**НАҚДӢ** نقدی бо пули нақд; нақдина; **ҷазои нақдӣ** ҷазои пулӣ, ҷарима.

**НАҚДШИНОС** نقدشناس *кит.* **сарроф**.

**НАҚЗ** *а.* نقض шикастан, вайрон кардан (махсусан аҳду паймонро); накс I: **нақзи аҳд**.

**НАҚИБ** *а.* نقیب *кҳн.* 1. сардори қабила, раиси қавм. 2. *таър.* мансабе буд, ки ба хоҷагон медоданд.

**НАҚИБАТ** *а.* نقیبت *кҳн.* хирад, зеҳн.

**НАҚИЗ** *а.* نقیض *кит.* мухолиф, зид, муқобил.

**НАҚИЗА** *а.* نقیضه 1. *муаннаси* **нақиз**. 2. мухолифат, зиддият; *адш.* асари адабие, ки дар муқобил ё ҷавоби асаре навишта мешавад. 3. тақлиди ҳаҷвӣ дар саҳна.

**НАҚИР** *а.* نقیر *кит.* 1. чоҳак (чуқурча)-е, ки бар пушти тухми хурмост. 2. *маҷ.* чизи хурд, андак, чизи ҷузъӣ.

**НАҚИСА**نقیصه *кит.* накс, айб; хӯйи бад.

**НАҚҚОРӢ** نقاری *кит.* 1. кандакорӣ дар санг ва чуб. 2. навозандагӣ дар доираву табл.

**НАҚҚОШ** *а.* نقاش 1. нақшнигор, нақшунигоркунанда, рассом, мусаввир; **наққош нақши сонӣ беҳтар кашад зи аввал** (*зарб.*). 2. ҳаккок, кандакор; ◊ **наққоши азал** *киноя аз* Худо.

**НАҚҚОШӢ** نقاشی 1. ҳунар ва амали наққош. 2. нақшнигорӣ, гулкории рӯи чизҳо, расмкашӣ: **санъати наққошӣ**.

**НАҚҚОШХОНА** نقاش‌خانه 1. *кит.* коргоҳи рангрезӣ. 2. ҷой ё бинои пурнақшу нигор.

**НАҚЛ** *а.* نقل 1. аз ҷое ба ҷое бурдан, интиқол додан, гузарондан, кӯчондан; **нақл додан** кашондан; **нақли макон** ҷои худро дигар кардан, кӯчидан. 2. *кҳн.* воситаи аз ҷои ба ҷои кӯчидан; воситаи боркашӣ, нақлиёт. 3. ҳикоя кардан, баён кардан, гуфтан; **нақли хаттӣ** баёни китобатии мундариҷаи қиссаву ҳикоя аз рӯи нақли муаллим; **назар ба нақли**... аз рӯи гуфти...; 4. ҳикоя, қисса, достон, ривоят; **нақл ёфтан** а) бурда шудан, кӯчонда шудан, кашонда шудан; б) гуфта шудан, баён гаштан; **нақл кардан** а) аз ҷое ба ҷое бурдан, аз ҷое ба ҷое кӯчондан; б) ба ҷои дигар рафтан, нақли макон кардан; в) ҳикоя кардан, гуфта додан, баён намудан; г) *киноя аз* мурдан; **аз дори дунё нақл кардан** *киноя аз* аз олам гузаштан, мурдан.

**НАҚЛАН** *а.* نقلاً ба товри нақл; назар ба нақли…

**НАҚЛГӮЙ** نقلگوی он ки ҳикоя мекунад ноқил.

**НАҚЛИЁТ** *а.* نقلیات боркашонӣ; воситаҳои бор ва одамкашонӣ; соҳаи иқтисод, ки бо кашондани бору мусофир машғул аст: **нақлиёти автомобилӣ (роҳи оҳан, баҳрӣ, ҳавоӣ), рӯзи коркунони нақлиёти роҳи оҳан**.

**НАҚЛИЁТӢ** نقلیاتی *мансуб ба* **нақлиёт**.

**НАҚЛКУНАНДА** نقل‌کننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **нақл кардан**. 2. он ки нақл мекунад, ноқил, гӯянда.

**НАҚЛӢ** نقلی *мансуб ба* **нақл**; ривоятӣ; **илмҳои ақлӣ ва нақлӣ** илмҳои фалсафӣ ва илмҳои марбут ба ҳадису ривоятҳо.

**НАҚО** *а.* نقا *кҳн.* тозагӣ, покӣ, покизагӣ, софию беғуборӣ.

**НАҚОРА//НАҒОРА** *а.* نقاره//نغاره яке аз созҳои зарбии мусиқӣ, ки танаи доирашакли дарунхолӣ дошта, ба як ё ду тарафи рӯяш пӯст кашида мешавад ва бо ду чубак менавозанд; табл, дуҳул: **нақора навохтан (задан)**; ◊ **шикам нақора навохтан** *маҷ.* ниҳоят гурусна будан: **ба нақораи** *касе* **бозӣ кардан(ракс кардан)** бо майлу иродаи касе кор кардан; **баъд аз тӯй нақора** *(мақ)* доир ба кори бемавриде, ки

вақташ гузашта бошад, гуфта мешавад.

**НАҚОРАЗАН** نقاره‌زن *ниг.* **нақоранавоз**.

**НАҚОРАЗАНӢ** نقاره‌زنی *исми амал аз* **нақора задан**; табл навохтан.

**НАҚОРАНАВОЗ** نقاره‌نواز он ки нақора менавозад, мутриби навозандаи нақора, нақорачӣ.

**НАҚОРАНАВОЗӢ** نقاره‌نوازی *исми амал аз* **нақора навохтан**; ҳунар ва шуғли нақоранавоз.

**НАҚОРАХОНА** نقاره‌خانه *таър.* ҷои махсус дар сардари (пештоқи) биноҳои калон (арк, қаср) барои нақоранавозӣ.

**НАҚОРАЧӢ** نقارچی *ниг.* **нақоранавоз**; **усул бо дасти нақорачӣ** (*зарб.*).

**НАҚОРАЧӮБ** نقاره‌چوب чӯбаки нақоранавозӣ.

**НАҚР** *а.* نقر *кит.* 1. кӯбидан, кӯфтан. 2. *кҳн.* кандакорӣ дар рӯи санг ва чӯб. 3. бо минқор зада сӯрох кардани мурғ чизеро. 4. *мус.* бо ангушт ё мизроб навохтани сози мусиқӣ (*аз қабили* дойра, таблак). 5. *мус.* зарб, ритм.

**НАҚРАСАНГ** نقرسنگ *санъ.* санги қиматбаҳое, ки дар он хат ё суратҳо канда шудаанд.

**НАҚС** *а.* نقص *ниг.* **нуқсон**.

**НАҚШ I** *а.* نقش 1. пай, из ва асаре, ки аз чизе бар рӯи чизе мемонад: **нақши по.** 2. гулкорӣ, ки ба коғаз, девор ё ба чизи дигаре кашида мешавад; расм ва сурати касе ё чизе; **нақшу нигор** гулкорӣ, расму тасвир, ороиши рӯи чизе; **нақши бар об** *маҷ.*чизи ноустувор, кори бефоида. 3. *нав.* маҷмӯи кору кирдор ва хислатҳои як шахс, ки аз тарафи ҳунарпеша дар саҳнаи театр ё дар филм таҷассум карда мешавад, рол: **нақши** *касеро* **бозидан**. 4. *мус.* суруди тӯйи арӯсист, ки чандкаса мехонанд; **нақши мулло** суруди махсусе, ки дар тӯю ҷашнҳо чанд нафар ҳамовоз шуда месароянд: **нақши мулло хондан**. 5. *маҷ.* мақом, мавқеъ, мартаба; **нақш бастан** а) боқӣ мондан, асар боқӣ мондан (аз чизе), тасвир ёфтан; б) пайдо шудан, намудор гаштан; **нақш ёфтан** кашида шудан, навишта шудан; **нақш кардан** тасвири чизеро кашидан; ◊ **нақши бар об; нақши обу гил** *кит., кин.* дунё, олам; **ҳамчун нақши девор** *кин.* кори беҳуда кардан, бо кори бефоида машғул шудан; **нақш бар санг задан** *кит., кин.* пойдор ва устувор кардан. 6. *маҷ.* толеъ, бахт, сарнавишт.

**НАҚША** نقشه 1. тасвири мутобиқи қоидаҳои махсуси ҳандаса ба рӯи вараќи қоғаз кашидаи иморат ва дигар чизҳо; нақш, расм, сурат. 2. тарҳ, лоиҳа. 3. реҷа, барнома, коре, ки иҷрои он дар мӯҳлати муайян ва бо зикри мақсади мазмун ҳаҷм ва тарзи анҷом пешбинӣ шудааст: **нақшаи ҳафтсола, ба нақша гирифтан; нақша кашидан** а) сурат, расм ё тасвири чизеро рӯи коғаз овардан; б) тарҳ ё лоиҳаи чизеро кашидан.

**НАҚШАБАРДОР**نقشه‌بردار мутахассиси топография, ки сатҳи заминеро чен карда, ба нақша ё харита медарорад.

**НАҚШАБАРДОРӢ** نقشه‌برداری лоиҳасозӣ, шуғл ба амали нақшабардор; харитакашӣ.

**НАҚШАГИРӢ** نقشه‌گیری 1. *исми амали* **ба нақша гирифтан**. 2. лоиҳасозӣ; харитасозӣ.

**НАҚШАКАШ** نقشه‌کش он ки нақша мекашад; расмкаш, сураткаш.

**НАҚШАКАШӢ** نقشه‌کشی 1. нақша кашидан, тарҳи чизеро тасвир кардан, лоиҳакашӣ. 2. реҷаи иҷрои кореро тартиб додан. 3. фаннест дар мактаб, ки усули нақша кашиданро меомӯзонад.

**НАҚШАНДОЗ** نقش‌انداز 1. *кит.* суратгир, наққош. 2. он ки дар нусхаҳои қаламии сӯзаниҳо нақшу суратҳои гуногунро мекашад.

**НАҚШАНДОЗӢ** نقش‌اندازی *кит.* суратгарӣ, суратбардорӣ, наққошӣ.

**НАҚШБАНД** نقش‌بند 1. *кит.* наққош, рассом, сураткаш. 2. *таър.* лақаби Баҳоуддини Бухороӣ, ки сарвари силсилаи тасаввуфии нақшбандия буд (асри XV); ◊ **нақшабанди аҷал** *кинояаз* Худо.

**НАҚШБАНДИЯ** نقش‌بندیه *таър.* яке аз ҷараёнҳои тасаввуфӣ, ки дар асри XV пайдо шуда буд.

**НАҚШБАНДӢ** نقش‌بندی 1. *кит.* наққоши, рассомӣ, сураткашӣ. 2. *таър. мансуб ба* **нақшбандия**.

**НАҚШБОЗ** نقش‌باز 1. ҳунарпеша, ки дар саҳан нақши қаҳрамонеро бозӣ мекунад. 2. *маҷ.* фиребкор.

**НАҚШГӮӢ** نقشگوئی *ниг.* **нақшхонӣ**.

**НАҚШГӮЙ** نقشگوی *ниг.* **нақшхон**.

**НАҚШДОР** نقشدار нақшнок, нақшин, нақшунигорнок.

**НАҚШИН** نقشین нақшунигордор, нақшин, нақшдор, тасвирнок: **коса ва табақҳои нақшин**.

**НАҚШКАЛОН** نقشکلان дорои нақшу нигорҳои калон-калон: **ҷомаи нақшкалон**.

**НАҚШКАН** نقشکن кандакор, ҳаккок (дар чӯб); зарроб (дар филиз).

**НАҚШКАНӢ** نقشکنی ҳаккокӣ, кандакорӣ; зарробӣ.

**НАҚШКӮБ** نقشکوب *кит.* қолаби чӯбӣ ё оҳанӣ, ки дорои нақшу нигорҳои гуногун буда, дар муқовабандӣ (гузаштани пайи рӯи коғаз ё чарм) истифода мегардад.

**НАҚШКӮБӢ** نقشکوبی *кит.* кори нақш гузоштан болои ҷилдҳои коғазӣ ё чармии китобҳо.

**НАҚШҚОЛАБ** نقشقالب 1. *ниг.* **мӯҳрқолаб**. 2. *нашр,* лавҳаи ҳарфҳои чидашуда.

**НАҚШМОҲ** нақши аслие, ки дар мавзӯъҳои гуногуни наққошӣ, суратирӣ *ва г.* истифода мешавад.

**НАҚШНИГОР** نقشنگار наққош, нақшунигоркунанда.

**НАҚШНОК** نقشناک *ниг.* **нақшдор**.

**НАҚШНОМА** نقشنامه *кит.* китоби мусаввар, китоби дорои суратҳо зебо ва ранга.

**НАҚШОФАРИН** نقشآفرین 1. наққош, сураткаш, суратгар. 2. он ки дар саҳна нақшеро бо маҳорат иҷро мекунад. 3. *маҷ.* он ки килеро бо ҳунари хуб анҷом медиҳад.

**НАҚШОФАРИНӢ** نقشآفرینی амали нақшофарин.

**НАҚШХОН** نقشخوان он, ки нақш (4) мехонад.

**НАҚШХОНӢ** نقشخوانی сурудани нақш (4), нақш хондан.

**НАЛМ** نلم *кит.* зебо, хушрӯй.

**НАМ** I نم 1. тарӣ, рутубат: **нами замин**. 2. рутубатнок, мартуб, андак тар: **хонаи нам**. 3. *маҷ.* оби чашм, ашк; **нам гирифтан** андаке тар шудан, рутубатнок шудан; **нам кардан** тар кардан; **нам кашидан** тар шудан, тариро ба худ гирифтан, рутубатнок гаштан; ◊ **нами ток** шароб.

**НАМ** II // **НАММ** *а.* نم суханчинӣ, хабаркашӣ.

**НАМАД** نمد фарше, ки аз пашми ҳайвонот (гусфанд, буз, шутур) ба воситаи молиш тайёр карда мешавад; **намади оҳакӣ** намади пастсифати камдошт; **намади қазоқӣ** навъи намади баландсифати пурдошт.

**НАМАДГАР** نمدگر *ниг.* **намадмол**.

**НАМАДЗИН** نمدزین намадпорае, ки ба пушти асп андохта зинро ба рӯи он мегузоранд, аспнамад.

**НАМАДИН** نمدین аз намад тайёркарда: **мӯзаи намадин**.

**НАМАДӢ** نمدی *ниг.* **намадин: кулоҳи намадӣ**.

**НАМАДМОЛ** نمدمال он ки касбаш тайёр кардани намад аст, намадсоз.

**НАМАДМОЛӢ** نمدمالی намад тайёр кардан.

**НАМАДПӮШ** نمدپوش 1. он ки пӯшоки намадин мепӯшад; пашминапӯш. 2. бо намад пӯшидашуда, бо намад печонидашуда.

**НАМАДСОЗ** نمدساز *ниг.* **намадмол**.

**НАМАК** نمک 1. моддаи сафеди булӯрии шӯртамъ, ки аз оби дарёҳо ва ё аз конҳо баровардa мешавад ва ба хӯрок меандозанд: **намаки ошӣ**, **кони намак**, **намак андохтан**; **намак задан** // **намак кардан** намак пошидан; намак андохттан, **намаки** *чизеро* **дидан (чашидан)** дараҷаи шӯрии хӯрокеро чашида дидан. 2. *маҷ.* латофат, малоҳат, зебу зинат; ◊ **обу намаки даст** ҳунармандӣ дар пухтани таомҳо; **намак хӯрдан** а) гӯшт ва маҳсулоти гӯштиро намак додан барои нигаҳдории дарозмуддат ё хуб намак хурдан; б) аз хони касе нон хӯрдан; беҳуда хобидан, беҳуда дер нигоҳ дошта шудан: **намак ба ҷароҳат (реш, алам) пошидан** азоб бар азоб афзудан; зиёд кардани дарду алам; **намак карда мондан** чизеро истифода накарда гирифта мондан, солҳо нигоҳ доштан чизеро; **намак начашидан** чизе нахӯрдан, гурусна будан; **намак хӯрда намакдон шикастан** ба ивази некӣ бадӣ кардан, поси хотири хубии касеро нигоҳ надошта бадӣ кардан, кӯрнамакӣ кардан; **намак хӯрдан аз хонаи** *ка-*

*се* а) таоми касеро хӯрдан; б) *киноя аз* некие дидан аз касе; **ҳаққи намак доштан** касеро хӯрондаву тарбия карда ба ивази он аз ӯ ба ҳурмату некие ҳақ доштан, ҳуқуқи миннатгузорӣ доштан; **ҳаққи намакро пос доштан** поси хотири некии касеро нигоҳ доштан, ҳурмати касеро, ки некие карда неъмате додааст, ба ҷо овардан; **намак кӯр кардан** поси хотири некии касеро нигоҳ надоштан.

**НАМАКАНДЕШ** نمک‌اندیش он ки поси хотири некии касеро нигоҳ медорад.

**НАМАКДОН** نمک‌دان зарфи намак, зарфи хурде, ки намак андохта ба рӯи дастархон мегузоранд: **намак хӯрда намакдон шикастан**.

**НАМАКДОР** نمک دار *ниг.* **намакин**.

**НАМАКЗАДА** نمک‌زده 1. намакдор, бонамак; шӯр; **пӯсти намакзада** пусти намакпошида. 2. *маҷ.* носипос, кӯрнамак.

**НАМАКЗОР** نمکزار 1. шӯразор; шӯразамин. 2. кони намак.

**НАМАКИН** نمکین 1. намакдор, бонамак, шӯр. 2. *маҷ.* латиф, малеҳ, зебо, хуш.

**НАМАКНОШИНОС** نمک‌ناشناس *маҷ.* носипос, кӯрнамак.

**НАМАКОБ** نمک‌آب намак андохташуда, оби шӯр; **болои сӯхта намакоб** дар вақти ба алам ё азоби касе афзуда шудани алам ё азоби дигар гуфта мешавад.

**НАМАКПОШӢ** نمک‌پاشی намак пошидан; **ба реш(ҷароҳат) намакпошӣ кардан** аламу азоби касеро боз ҳам афзудан.

**НАМАКСАНГ** نمک‌سنگ намаке, ки дар шакли ҷинси кӯҳӣ аз кон канда бароварда мешавад.

**НАМАКСО** نمک‌سا 1. шӯр, намакин. 2. *маҷ.* ғамгиншуда, аламзада, озурда.

**НАМАКСОР**نمک‌سار маъдани намак, замини шӯр, ки дар он намак фаровон аст.

**НАМАКСУД** نمک‌سود хӯроквorie, ки ба он намак зада хушконидаанд, монанди гӯшт, моҳӣ *ва г.*

**НАМАКФУРӮШ** نمک‌فروش фурӯшандаи намак.

**НАМАКФУРӮШӢ** نمک‌فروشی намак фурӯхтан; фурӯши намак: **дукони намакфурӯшӣ**.

**НАМАКХОР** نمک‌خوار намакхӯрда, он ки нону намаки касеро хӯрда ё аз касе некӣ дида, тобеъ ва сипосгузори он шудааст.

**НАМАКХОРА**نمک‌خواره *ниг.* **намакхор**.

**НАМАКХӮР** نمک‌خور *ниг.* **намакхор**.

**НАМАКХӮРДА** نمک‌خورده *ниг.* **намакхор**.

**НАМАКЧАШ** نمک‌چش 1. чашандаи намаки ғизо. 2. миқдори каме аз ҳар чиз.

**НАМАКЧАШАК** نمک‌چشک аввалин бор чашидани мазаи чизе.

**НАМАКШИНОС** نمک‌شناس 1. сипосгузор, ҳақшинос. 2. содиқ, вафодор.

**НАМАКШӮӢ** نمک‌شوئی 1. *хим.* тоза кардани намак аз сангу гил. 2. *ниг.* **шӯршӯӣ**.

**НАМАТ** *а.* نمط тарз, тариқа, равиш, усул.

**НАМГИРИФТА**نم‌گرفته намиро ба худ кашида; намдор.

**НАМДОР** نم‌دار намнок, рутубатнок, мартуб: **реги намдор**.

**НАМЗАМИН** نم‌زمین замини нам, замини намдор.

**НАМИБАРДОР** نمی‌بردار (ба намӣ) ба об тобовар: рутубатро нопазир: **масолеҳи намибардор**.

**НАМИГАРӢ** نمیگری намӣ, намнокӣ; бориш, боронгарӣ.

**НАМИДАН** نمیدن *кит.* майл кардан; таваҷҷӯҳ намудан.

**НАМИМ** *а.* نمیم *кит.* суханчин, ғайбаткунанда, бӯҳтонгӯй.

**НАМИНИГОҲДОРӢ** نمی‌نگاه‌داری нигоҳ доштани нами замин: **тадбирҳои наминигоҳдорӣ оид ба замини кишт**.

**НАМИНОГУЗАР** نمی‌ناگذر намию рутубатро нагузаронда.

**НАМИРАНДА**نمیرنده ҷовид, ҳамешазинда, адабзинда.

**НАМИСАНҶ** نمی‌سنج асбоб барои муайян кардани намӣ ва рутубати ҳаво ё ягон масолеҳ, рутубатсанҷ..

**НАМӢ** نمی тарӣ, рутубат, мартубӣ, намнокӣ:

**намии хок, намии хаво**.

**НАМКАШ** نمکش чизе, ки намро ба худ мекашад; ◊ **девори намкаш** *киноя аз* шахсе, ки ҳар гапро ба худ мегирад; шахсе, ки ҳар гапро киноя ба худ дониста меранҷад.

**НАММОМ** *а.* نمام *кит.* суханчин, хабаркаш.

**НАМНАГУЗАРОН\\НАМНОГУЗАРОН** نمنگذران//نمناگذران чизе ки намиро намегузаронад, ба нам тобовар, тарнашаванда: **матои намногузарон**.

**НАМНОК** نمناک намдор, рутубатнок; тарӣ: **ҳавои намнок**.

**намо** نما 1. *асоси замони ҳозира аз* **намудан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* намоянда, нишондиҳанда ва ба назар намоянда, намуд, қисми зоҳирии чизе: **раҳнамо**, **хушнамо**, **баднамо**.

**НАМО** نما нумув, рӯиш, афзоиш; *ниг.* **нашъунамо**.

**НАМОБАНДӢ** نمابندی ороиши намуди зоҳирӣ, зоҳирсозӣ, зебу зинат ва ороиш додани қисми берунии биноҳо *ва г.*

**НАМОД** نماد 1. *нав.* рамз, символ. 2. нишонаи навишторӣ ё чопӣ барои баёни мақсади кас аз қабили аломатҳои риёзӣ, мусиқӣ. 3. *риёз.* шакл ё ҳарфи хосе барои ифодаи як мафҳуми риёзӣ.

**НАМОДГАРО** نمادگرا он ки ба нишонаҳо ва рамзҳо эътиқодманд аст, шаклпараст, символист.

**НАМОДГАРОӢ** نمادگرائی ҷараёне, ки ба намуди зоҳирӣ аҳамият намедиҳад, шаклпарастӣ, зоҳирпарастӣ, символизм.

**НАМОДӢ** نمادی *ниг.* **намодин**.

**НАМОДИН** نمادین *марбут ба* **намод**; он чи ба унвони намод истифода мешавад.

**НАМОЁН** نمایان 1. пайдо, ошкор, падидор, аён, ҳувайдо. 2. назаррас, муҳим: **мақоми(ҷои) намоёнро ишғол кардан.** 3. машҳур, маъруф; **ба назар намоён** ҷолиби диққат, муҳим, аҳамиятнок; **намоён гаштан (гардидан)** зоҳир шудан, намудор шудан; **намоён кардан** нишон додан, намудан, намудор сохтан; **намоён шудан** намудор гаштан, дида шудан, зоҳир гаштан; ◊ **миси кор намоён шудан** фош шудани сохтакорӣ, ошкор шудани қаллобӣ.

**НАМОЁНӢ** نمایانی 1. намудор будан, зоҳир ва ошкор будан. 2. машҳурӣ, шӯҳратнокӣ.

**НАМОЗ** نماز 1. *кҳн.* сар хам кардан барои таъзим; саҷда. 2. *д.* дуову ибодати, дар шабонарӯз панҷ бор адошаванда, ки яке аз фарзҳои мусулмонӣ аст: **намоз гузордан, намоз хондан; намози аср** а) намозе, ки то як соат пеш аз фурӯ рафтани офтоб хонда мешавад; б) *кин.* бегоҳӣ, бегоҳ; **намози бомдод** намозе, ки субҳ пеш аз баромадани офтоб хонда мешавад**; намози пешин** намозе, ки нисфирӯзӣ хонда мешавад; **намози таровеҳ** намози махсусе, ки дар шабҳои рамазон мехонанд; **намози хуфтан** намози панҷум, ки шабона пеш аз хоб хонда мешавад; **намози шом** намозе, ки баъд аз фурӯ рафтани офтоб хонда мешавад; **намози ҷумъа** намозе, ки ҳафтае як бор рӯзи ҷумъа (бо ҷамоат) хонда мешавад, намози одина.

**НАМОЗГОҲ** نمازگاه ҷои намозхонии ҷамоатӣ дар рӯзҳои иди қурбону рамазон, ки барои ғунҷонидани издиҳоми зиёд одатан дар шакли масҷид дар беруни шаҳр месохтанд.

**НАМОЗГУЗОР** نمازگزار *ниг.* **намозхон**.

**НАМОЗГУЗОРӢ** نمازگزاری *ниг.* **намозхонӣ**.

**НАМОЗИШОМКУШО** نمازشامکشا **гули намозишомкушо** *бот.* як навъ гул, ки вақти намози шом, яъне баъди нишастани офтоб мешукуфад, намозишомгул.

**НАМОЗӢ** نمازی пок, ноолуда, тоза.

**НАМОЗХОН** نمازخوانی 1. он ки намоз мехонад, намозгузор. 2. *маҷ.* диндор, порсо.

**НАМОЗХОНӢ** نمازخوانی *исми амал аз* **намоз хондан**; намозгузорӣ.

**НАМОИШ** نمایش 1. намудан, нишон додани чизе ба тарзи тантананок. 2. ба маърази тамошо гузоштан; (ба тамошобин) нишон додани филм, пиеса *ва г.*: **намоиши асарҳои рассомон**, **намоиши кинофилмҳои таълимӣ**. 3. *с.* баромадан, ба майдону хиёбон ва роҳпаймоии оммавӣ барои нишон додани ягонагии сиёсӣ, эътироз, изҳори шодмонӣ *ва г.,* гирдиҳамоӣ, тазоҳурот; **намоиш додан** а) нишон додан, бо мақсади ҳунарнамоӣ чизеро манзури назар

кардан; б) ба маърази тамошо гузоштан.

**НАМОИШГАР** نمایشگر 1. он ки (чизеро) намоиш медиҳад. 2. он ки дар намоиш (2) иштирок мекунад, иштироккунандаи гирдиҳамоӣ.

**НАМОИШГАҲ**نمایشگه *ниг.* **намоишгоҳ**.

**НАМОИШГОҲ**نمایشگاه ҷои намоиш додани чизе: **намоишгоҳи асарҳои рассомон, намоишгоҳи комёбиҳои кишоварзӣ, намоишгоҳи молҳои саноатӣ**.

**НАМОИШДИҲАНДА** نمایشدهنده *ниг.* **намоишгар**.

**НАМОИШДИҲӢ** نمایشدهی *исми амал аз* **намоиш додан**; нишондиҳӣ: **намоишдиҳии кино.**

**НАМОИШӢ** نمایشی *мансуб ба* **намоиш**; марбут ба саҳнагузорӣ.

**НАМОИШКОРӢ** نمایشکاری барои намуд (намоиш), зоҳирнамоӣ; худнамоӣ.

**НАМОИШКОРОНА** نمایشکارانه 1. ошкоро, рӯирост, дар пеши назари умум. 2. ба тарзи норозигии рӯирост.

**НАМОИШНОМА**نمایشنامه асари барои намоиши саҳна навишташуда, пиеса.

**НАМОК** نماک *кит.* 1. равнақ, ривоҷ. 2. ҳусн, зебоӣ.

**НАМОСОЗ** نماساز *сохт.* он ки ба сохтмони бахшҳои берунии бино машғул аст, созандаи намои аслии бино ё иншоот.

**НАМОСОЗӢ** نماسازی *сохт.* ороиш ва зебо гардонидани намуди берунии сохтмони бино ё иморат.

**НАМОЯНДА**نماینده [*сифати феълии замони ҳозира аз* **намудан**] 1. он ки аз тарафи касе, созмоне *ва г.* барои бурдани гуфтушунид ё иҷрои коре таъйин шудааст; шахси ваколатдор, вакил: **намояндаи давлат, намояндаи тиҷоратӣ.** 2. шахси интихобнамудаи аҳолӣ дар парламент – Маҷлиси Олӣ, депутат. 3. он ки дар шахси худ хислат ва хусусияти ягон халқ, табақаи ҷамъият, гурӯҳи муайяни одамон, касбу кор, машғулият *ва г.* зоҳир менамояд: **намояндаи аҳли меҳнат; намояндаи адабиёт, намояндаи санъат, намояндаи лаҳҷа.**

**НАМОЯНДАГӢ** نمایندگی 1. намоянда будан, ваколат. 2. ваколатхона; **намояндагии тиҷоратӣ дар назди сафорати Тоҷикистон**.

**НАМРЕЗА** نمریزه майдаборон, резаборон, борони хеле майда.

**НАМУД** نمود 1. шакл, сурат, ба назарнамоӣ. 2. қиёфа, симо, афту андом; **намуди зоҳирӣ (берунӣ)** манзараи ба назар намоён; **ба (дар) намуд** зоҳиран, аз зоҳир, ба назар; **барои намуд** а) барои намуна, барои намоиш; б) барои зебии зоҳирӣ, барои зебо будан.

**НАМУДАН** نمودن 1. намоён кардан, нишон додан, ба назар намоён кардан. 2. ба назар намоён шудан; ба назар тофтан, намоён шудан, зоҳир гаштан, дида шудан: **...тахминан сисола менамуд; ба назар намудан** ба назар тофтан. 3. *ҳамчун феъли ёридиҳанда дар феълҳои таркибии номӣ ба ҷои* «кардан» *меояд:* **афзун намудан, мафтун намудан, сар намудан, табассум намудан; такрор намудан, сайр намудан**.

**НАМУДОР** نمودار 1. намоён, падидор, зоҳир: **намудор будан; намудор гардидан (гаштан, шудан)** дида шудан, намоён гаштан, намудан; пайдо (зоҳир) шудан. 2. ҷадвал, нақша.

**НАМУН** نمون *кит.* нишондиҳанда; аломат, нишона.

**НАМУНА I** نمونه 1. миқдори каме аз чизи бисёр, ки барои нишон додани сифати он гирифта шудааст: **мушт намунаи хирвор аст** (*зарб.*). 2. мисл, монанд. 3. мисоли ибрат, шоистаи пайравӣ; **намуна гаштан(шудан)** мисоли ибрат шудан.

**НАМУНА II** نمونه зишт; беҳуда, бефоида; аз кор афтода, бекор карда.

**НАМУНАВӢ** نمونه шоёни ибрат, ибратшаванда, сазовори пайравӣ: **кори намунавӣ, мактаби намунавӣ**.

**НАМУНАВОР** نمونهوار *ниг.* **намунавӣ**.

**НАМҶ** نمچ *кит.* нам, тарӣ, тарии андак.

**НАМҶИН** نمچین восилае, ки ба воситаи он нам бартараф карда мешавад, намгир.

**НАНГ** ننگ 1. шарм, айб, ор. 2. шараф, номус, орият. 3. боиси шармандагӣ, расвоӣ.

**НАНГИН** ننگین шармовар, зишт, боиси бадномӣ.

**НАНГИНРӮЙ** ننگینروی бошарм; бономус, шармин.

мин.

**НАНГОВАР** ننگ‌آور шармовар, боиси бадномӣ.

**НАОМА** *а.* نعامه *кит.* шутурмурғ.

**НАППА-НАВ** نپه‌نو *гуфт.* тамоман нав, ниҳоят нав.

**НАР** نر музаккар, ҷинси мардина; *муқоб.* **мода** (*асосан нисбат ба ҳайвонот*).

**НАРАНГУШТ** نرانگشت ангушти калони даст ё пой, сарангушт.

**НАРБУЗ** نربز бузи нар, такка.

**НАРГАСӢ** نرگسی сабзии тор-тор реза карда, ки ба зирбаки палав меандозанд: **наргасӣ кардан**.

**НАРГАТ** نرگت реза кардан, пора кардан.

**НАРГИС** نرگس 1. номи гиёҳи пиёзбехи хурду нозуки баҳорӣ, ки гули хушбӯи сафед ё зарди ба чашми нимпӯш монанд дорад. 2. *маҷ.* чашм; **наргиси маст (махмур, шаҳло, ҷоду)** *киноя аз* чашми хумори маҳбуба.

**НАРГИСА** نرگسه 1. *ниг.* **наргис**. 2. гули сунъӣ, ки аз оҷ ё устухони дигар тарошида ба шифти хона барои зинат ҷо медиҳанд.

**НАРГИСӢ** نرگسی 1. *мансуб ба* **наргис**. 2. наргисмонанд, наргисранг. 3. номи хӯроке, ки тухми мурғро ҷӯшонда ва аз пӯчоқ тоза карда, дар гӯшти кӯфта печонида мепазанд ва баъд ду пора мекунанд, ки зардию сафедии тухм ба наргис монандӣ пайдо менамояд.

**НАРГОВ** نرگاو гови нар, барзагов; ҷувона.

**НАРҒӮЛ** نرغول *гуфт.* одами қавиҷуссаи дағал.

**НАРД** نرد 1. танаи дарахт; навдаи расида, сахт ва устуворшудаи дарахт. 2. бозии шатранҷмонанде, ки бо сӣ мӯҳраи сиёҳу сафед ва ду тос бозӣ карда мешавад.

**НАРДА** نرده панҷараи оҳанин ё чӯбин, ки гирди боғча ё хона кашида мешавад, қаторак.

**НАРДБОЗ** نردباز он ки нард бозӣ мекунад.

**НАРДБОЗӢ** نردبازی нард бозӣ кардан.

**НАРДБОН** نردبان зинапояе, ки аз ҷое ба ҷое бурдан ва гузоштан мумкин аст.

**НАРДСУНБУЛ** نردسنبل *бот.* растании бисёрсола, ки аз решаҳои он дору тайёр мекунанд.

**НАРДТАХТА** نردتخته тахтаи нардбозӣ.

**НАРЁН** نریان аспи нар; нарина; *муқоб.* **модина**.

**НАРИМОН** نریمان 1. *кит.* паҳлавон, диловар. 2. яке аз қаҳрамонони ҳамосии қадимии халқҳои эронинажод аст, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ падари Сом – бобои Рустам ба қалам дода шудааст.



**НАРИНА** نرینه ҷинси нар, мансуб ба нар (чи одам бошад ва чи ҳайвон).

**НАРКОЗ** *ю.* نرکاز *тиб.* ба таври сунъӣ беҳиссу карахт кардани узве ё умуман беҳуш кардани бемор дар вақти амалиёти ҷарроҳӣ.

**НАРМ** نرم 1. мулоим; *муқоб.* **сахт** ва **дурушт**; маҳин: **хоки нарм, реги нарм; вагони нарм** вагони ҷои хобаш роҳатбахш. 2. оҳиста, ором; бо мулоимат, навозишкорона: **муомилаи нарм, сухани нарм, нарм ҷавоб додан; шамоли нарм** боди форам; **нарм-нармак** оҳиста-оҳиста, паст-паст; бо мулоимат; **нарм гаштан(шудан)** а) мулоим шудан; б) аз хашм фаромадан, ба ифоқа омадан; **нарм кардан** а) мулоим гардонидан (*мас., хокро*); б) *маҷ.* ба роҳ андохтан, гапдаро кардан; ба ҳолати эътидол овардан (*мас., одами гарданшах ва сахтмуомиларо*); **нарм фуромадан** мулоимак нишастан,оромона фуруд омадан; ◊ **дили нарм** дили раҳмнок, дили меҳрубон.

**НАРМА** I نرمه параи гӯш, ки ба он гӯшвора меовезанд: **нармаи гӯш.**

**НИГОҲ//НИГАҲ** نگاه//نگه чашмандозӣ барои дидан, нигариш; дид, назар; **нигоҳи беҷо** назари бад; **нигоҳи гарм** нигариши меҳромез; **нигоҳи дуздида** назари пинҳонӣ; **нигоҳи маънидор** нигоҳе, ки бо он матлабе ифода меёбад; **нигоҳи пурсиш** нигоҳи суол-омез; **нигоҳи ҳайрат** ҳайратомезона нигаристан ба касе (чизе); **нигоҳ доштан** а) ба таҳти назар гирифтан, боздошт кардан; б) гирифта мондан, андармон кардан; в) ҳифз кардан, маҳфуз доштан; г) боздоштан, пеши чизеро гирифтан, мутаваққиф сохтан; **гов (мурғ) нигоҳ доштан** гов (мурғ) парвариш кардан, нигоҳубин намудан; **худро вазнин нигоҳ доштан** батамкин будан; **тартиб нигоҳ доштан** ба тартиб риоя кардан; **ятим нигоҳ доштан** касеро барои хизматгорӣ гирифтан; **нигоҳ кардан** а) назар кардан, нигаристан; б) рӯ ба чизе овардан, ру ба ҷониби чизе кардан; в) эътибор додан, назорат кардан, муроқибат кардан; г) муносибат кардан; **нигоҳ карда истодан** а) якзайл чашм дӯхтан, беист нигаристан; б) мунтазир шудан; **ба дасти** *касе* **нигоҳ карда мондан** дастнигар шудан, мӯҳтоҷ будан ба ёрии касе; **нигоҳ накардан** а) назар наандохтан; б) вобаста набудан, марбут набудан; **нигоҳ карда нишастан** мунтазир шудан; **бо як чашм нигоҳ кардан** як хел муносибат кардан; **нигоҳ карда мондан** мавкуф ба чизе будан; **нигоҳ карда**... а) аз рӯи..., вобаста ба..., ҳаминро ба назар гирифта... б) ба ҷониби..., рӯ ба... **ба ман нигоҳ кун!** ба гапи ман гӯш деҳ! **нигоҳ карда истодан**... чанд муддат таҳти назар гирифтан, мушоҳида кардан.

**НИГОҲБОН** نگاهبان 1. назораткунанда, посбон, муҳофиз. 2. нигоҳубинкунанда, парастор.

**НИГОҲБОНӢ** نگاهبانی 1. муҳофизат, посбонӣ. 2. нигоҳубин, парасторӣ.

**НИГОҲДОР** نگاه‌دار нигоҳдоранда, посбон, муҳофиз.

**НИГОҲДОРАНДА** نگاه‌دارنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **нигоҳ доштан**. 2. ҳифзкунанда: **хӯроки ками аз мурдан нигоҳдоранда**. 3. муҳофиз, посбон, нигоҳдор.

**НИГОҲДОРӢ** نگاه‌داری 1. *исми амал аз* **нигоҳ доштан**; муҳофизат: **нигоҳдорӣ кардан** а) муҳофизат кардан, ҳимоят кардан; б) боздоштан, даст гирифтан. 2. риоя.

**НИГОҲУБИН** نگاهبین 1. парасторӣ, парвариш, муроқибат. 2. назорат, посбонӣ.

**НИГОШТАН** نگاشتن *ниг.* **нигоридан**.

**НИГУН** نگون *ниг.* **нагун**.

**НИДО** ندا 1. овоз, садо, бонг, фарёд; **нидо (дар)додан** овоз баровардан. 2. *грам.* ҳиссаи тағйирнаёбандаи нутқ, ки хитобу ҳиссиёт ҳаяҷонро ифода мекунад (*мас.,* **эҳ, оҳ, вой, оббо**).

**НИЁ** نیا *кит.* падари падар ё модар, бобо, ҷад.

**НИЁБАТ** *а.* نیابت *кит.* ноибӣ, ҷонишинӣ; вакolат.

**НИЁГОН//НИЁКОН** نیاگان//نیاکان 1. *ҷ.* **ниё.** 2. гузаштагон, аҷдод; **алифбои ниёгон** расмулхати гузаштагон, ки мурод аз он хатти арабии тоҷикист; **расми ниёгон** расму оини гузаштагон.

**НИЁЗ** نیاز 1. ҳоҷат, эҳтиёҷ; **ниёз доштан** эҳтиёҷ доштан. 2. майлу хоҳиш; илтимос, дархост; **ба ниёз омадан** майлу хоҳиш зоҳир намудан. 3. *ниг.* назр; (2): **назру ниёз**.

**НИЁЗӢ** نیازی (*мансуб ба* **ниёз**) 1. ниёзманд; мӯҳтоҷ. 2. *кит. маҷ.* маҳбуб; дӯст. 3. *кит. маҷ.* азиз, гиромӣ.

**НИЁЗМАНД** نیازمند эҳтиёҷманд, ҳоҷатманд, мӯҳтоҷ.

**НИЁЗМАНДӢ** نیازمندی мӯҳтоҷӣ, эҳтиёҷ.

**НИЁИШ** نیایش *кит.* 1. ситоиш, таъриф, таҳсин. 2. *кӯҳ.* дуо аз рӯи зорӣ ва илтиҷо.

**НИЁКОН** نیاکان *ниг.* **ниёгон**.

**НИЁМ** نیام *ниг.* **наём**.

**НИЖАНД** نژند *ниг.* **нажанд**.

**НИЖОД** نژاد *ниг.* **нажод**.

**НИЗ** نیز *пайвандак* ҳам, инчунин, ҳамчунин.

**НИЗОМ** *а.* نظام 1. тартиб, равиш; услуби хос, расму қоидаи махсус: **бо низому тартиб**. 2. *кит.* риштаи марворид *ва г.* 3. сохт, сохтор, система; **низоми иҷтимоӣ** сохти ҷамъиятӣ; **низом додан** муназзам сохтан, мураттаб кардан, ба тартиб овардан; **ба низом омадан** мураттаб гаштан; **низоми бонкӣ**.

**НИЗОМӢ** نظامی 1. ҳарбӣ, ҷангӣ: **киштии низомӣ, минтақаи низомӣ**. 2. *мансуб ба* қӯшунҳои расмӣ ва доимӣ; **аскари низомӣ** аскари қӯшунҳои доимӣ. 3. хизматчии ҳарбӣ (дар рутбаҳои гуногун); **либоси низомӣ** пӯшоки хоси низомӣ, либоси ҳарбиён; **саломи низомӣ** саломи расмии ҳарбӣ.

**НИЗОМИМОНАНД** نظامی‌مانند монанд ба низомӣ; **либоси низомимонанд** пӯшоки ба либоси расмии ҳарбӣ шабоҳатдошта.

**НИЗОМНОМА** نظام‌نامه қоидаҳои навишта барои ба тартиби муайян гузаронидани коре, дастур, асоснома: **низомномаи интихобот**.

**НИЗОР** نزار хароб, лоғар; суст, заиф, назор; **зору низор** ниҳоят оҷизу бечора.

**НИЗОРӢ** نزاری харобӣ, лоғарӣ; сустӣ, заифӣ.

**НИЗОЪ** *а.* نزاع ҷангу ҷидол, кашмакаш, мунокиша; ҳусумат, душманӣ (*дар болои чизе*); **низоъ андохтан** дар байни касон ҷангу мунокиша барангехтан; **низоъ бархостан (баромадан)** мунокиша пайдо шудан; **низоъ кардан** кашмакаш кардан, баҳсу мунокиша кардан; **низоъ хестан** ҷангу ҷидол барпо шудан.

**НИЙЯТ** *а.* نیت *ниг.* **ният**.

**НИКЕЛ** *олм.* نیکل *хим.* филизи сафеди нуқрарангги дергудоз, ки барои ҳосил намудани хӯлаҳои ба гармӣ тобовару зангногир *ва г.* истифода мебаранд.

**НИКЕЛАНДУД(А)** نیکل‌اندود(ه) никел давондашуда: **никеландуд кардан**.

**НИКЕЛӢ** نیکلی *мансуб ба* **никел**; аз никел со-

хташуда.

**НИКОТИН** *фр.* نکاتین моддаи зарарноки наркотикӣ, ки дар таркиби тамоку мавҷуд аст.

**НИКОҲ** *а.* نکاح заношӯӣ, издивоҷ; **ақди никоҳ** маросими бастани аҳду паймони издивоҷ; **хати никоҳ** ҳуҷҷат дар бораи ақди никоҳ; **никоҳ кардан, ақди никоҳ бастан** ақди заношӯӣ бастан; **ба никоҳи** *касе* **даровардан** ба касе ба занӣ додан.

**НИКОҲӢ** نکاحی дар издивоҷи қонунӣ буда, расман заношӯ гардида; **зани никоҳӣ** зани дар ақди никоҳ буда.

**НИКОҲНОМА** نکاح نامه хати никоҳ.

**НИКОҲОНА**نکاحانه *д.* маблағе, ки барои хондани хутбаи никоҳ ва ақди никоҳ дода мешавад.

**НИКӮҲИШ** نکوهش *ниг.* **накӯҳиш**.

**НИҚ** نق *гуфт.*: **ниқ нагуфтан** хомӯш будан, ҳарфе назадан.

**НИҚҚӢ** نقی **:ниққӣ накардан** *гуфт.* ҳарфе назадан; тамоман хомӯш истодан.

**НИҚОБ** *а.* نقاب 1. пардаи рӯйпӯшӣ, рӯбанд; чашмбанд; чодар. 2. он чи барои нашиносондани худ дар бозию базмҳои хурсандӣ ба рӯй мепӯшанд; **ниқоб аз рӯй бардоштан** а) парда аз рӯй гирифтан, рӯй кушодан; б) худро дар симои аслии худ намоёндан; **ниқоб ба рӯй кашидан** а) зери ниқоб шудан; б) худро дигар карда нишон додан; **ниқоб аз рӯи** *касе* **бардоштан** сохтакории касеро фош кардан, симои ҳақиқии касеро ошкор намудан.

**НИҚОБДОР** نقابدار он ки бо ниқоб рӯяшро пӯшондааст, рӯпӯшида; пардапӯш.

**НИҚОБӢ** نقابی ниқобпӯш, ниқобдор; **зани ниқобӣ** зани рӯйпӯшида.

**НИҚОБПӮШ** نقابپوش *ниг.* **ниқобдор**.

**НИҚОБПӮШИДА** نقابپوشیده *ниг.* **ниқобпӯш**.

**НИҚОБПӮШӢ** نقابپوشی 1. ниқоб ба рӯй гирифтан (кашидан). 2. *маҷ.* пинҳон кардан, пардапӯш кардан.

**НИҚОР** *а.* نقار интиқом, қасос; **ниқор гирифтан** қасос гирифтан аз касе.

**НИҚОРГИР** نقارگیر касе, ки ниқор мегирад, ниқоргиранда, қасосгир, интиқомгир.

**НИҚОРГИРАНДА** نقارگیرنده *ниг.* **ниқоргир**.

**НИҚОРГИРӢ** نقارگیری *исми амал аз* **ниқор гирифтан**; қасосгирӣ, интиқомгирӣ.

**НИҚОРТАЛАБ** نقارطلب *с.* тарафдори сиёсати ниқорталабӣ.

**НИҚОРТАЛАБӢ** نقارطلبی *с.* сиёсати давлатҳои дар ҷанг шикастхӯрда, ки бо баҳонаи қасосгирию интиқомҷӯӣ ба ҷанги нав тайёрӣ мебинад.

**НИҚОРҶӮ** نقارجوی интиқомҷӯй; ниқорталаб.

**НИҚРИС** نقریس *тиб.* дарди бандҳои устухони дасту пой, подагра.

**НИЛ** *ҳ.* نیل 1. *бот.* гиёҳест дар мамлакатҳои гарм, ки аз шираи он ранги нилӣ мегиранд; индиго. 2. ранги кабуди баланди сиёҳтоб, ранги лоҷувардӣ.

**НИЛА**نیله ҳар чизи кабудранг (*махсусан ҷома*).

**НИЛГУН** نیلگون ба монанди ранги нил кабуд; нилобӣ: **осмони нилгун**.

**НИЛӢ** نیلی ба ранги нил, ранги кабуди сиёҳчатоб, нилгун; **гунбади нилӣ** *кин.* осмон.

**НИЛК//НАЛК** نلک *кит.* олуи хушк.

**НИЛОБИРАНГ** نیلابرنگ ба ранги нилобӣ, кабудранг.

**НИЛОБӢ** نیلابی нилӣ, нилгун, кабуд.

**НИЛУФАР** *ҳ.* نیلوفر *бот.* як навъ растании обии баргҳояш калону гулаш сафед, зард ё кабудранг аст, ки бо баромадани офтоб аз об сар берун меорад ва баробари нишастани офтоб дар об фурӯ меравад, савсани обӣ.

**НИЛУФАРӢ** نیلوفری ба ранги нилуфар, лоҷувардӣ; кабуд, осмониранг.

**НИЛУФОМ**نیلوفام кабудранг, осмониранг.

**НИМ** نیم 1. як қисм аз ду қисми баробари чизе, нисфи ҳар чиз; **нияти нағз ними давлат** (*мақ.*); **ними шаб** нисфи шаб, миёнаи шаб; **ним санг** а) *кҳн.* воҳиди андозаи масофае, ки ба нисфи фарсанг - 4 *км.* баробар аст; б) *кҳн.* вазни муодили нисфи санг (*воҳиди ченаки вазн*), ки дар ҳар ҷо ҳар хел буд; **ним сол** шаш моҳ. 2. нотамом, нопурра; **ниму нимкора** нопурра,

нотамом. 3. *ҷузъи пешини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* нисфи чизе ё нопурра ва нотамом будани чизе: **нимабрешимӣ, нимпахтагӣ, нимсард, нимгарм**.

**НИМА** نیمه 1. нисфи ҳар чиз; миёни ҳар чиз: **нимаи роҳ, нимаи шаб**. 2. нопурра, нотамом; қисман.

**НИМАБРЕШИМӢ** نیم‌ابریشمی қисман нахи абрешимӣ дошта; матои нимшоҳӣ.

**НИМАВТОМАТӢ** نیم‌اوتامتی қисман автоматӣ шуда: **мошинаҳои нимавтоматӣ**.

**НИМАГӢ** نیمگی ба ду ними баробар, нисфӣ, нимӣ.

**НИМАРОҲ** نیمه‌راه ними роҳ, миёни роҳ: **дар нимароҳ мондан**.

**НИМАСРӢ** نیم‌عصری иборат аз ним аср; дар ҳудуди ним аср; 50-солагӣ; **ҷашни нимасрии муассиса.**

**НИМАФРОШТА** نیم‌افراشته *ниг.* **нимбардошта**.

**НИМАШАБ** نیم‌شب *ниг.* **нимшаб**.

**НИМАШАБӢ** نیم شبی *ниг.* **нимишабӣ**.

**НИМБАРАҲНА** نیم‌برهنه қисман бараҳна, нимлуч.

**НИМБАРДОШТА** نیم‌برداشته нимафрошта, ба андозаи миёна баланд будани чизе; **парчами нимбардошта** парчами то нисф боло шуда.

**НИМБЕДОР** نیم‌بیدار он ки ба хоби сахт нарафтааст; **нимхобу нимбедор** дар ҳолати хобу бедор.

**НИМБЕДОРӢ** نیم‌بیداری нимхобу нимбедор будан; ҳолати нимхобию нимбедорӣ.

**НИМБЕКОР** نیم‌بیکار касе, ки бо кор пурра таъмин нест.

**НИМБЕМОР** نیم‌بیمار он ки ҳоло тамоман сиҳат наёфтааст. нимсиҳат.

**НИМБИЁБОН** نیم‌بیابان *ниг.* **нимдашт**.

**НИМБИРЁН** نیم‌بریان каме бирёншуда, пурра бирённашуда.

**НИМБИСМИЛ** نیم‌بسمل нимкушта, нимҷон.

**НИМБОЗ** نیم‌باز нимвоз, нимкушода: **чашми нимбоз**.

**НИМБУД** نیم‌بود ба дараҷаи ним будшуда; **кори нимбуд** коре, ки то нисф иҷро шудааст, кори пурра ба анҷом нарасида.

**НИМБУР** نیم‌بر то нисф буридашуда.

**НИМБУТТА** نیم‌بته растаниҳое (*аз қабили* терескен, аксари навъҳои дармана), ки қисми поёнии навдаҳояшон ба чӯб табдил мееёбанду қисми болоии онҳо алафӣ буда, ҳар сол нобуд мешаванд.

**НИМВАЙРОНА** نیم‌ویرانه *ниг.* **нимхароба**.

**НИМВАҲШӢ** نیم‌وهشی тамоман ваҳшинабуда.

**НИМВО** نیم‌وا *ниг.* **нимбоз**.

**НИМГАРДОН** نیم‌گردان то нисф ё каме гардондашуда, нимрӯя: **нимгардон кардани рӯй**.

**НИМГАРМ** نیم‌گرم на хунуку на гарм, камтар гарм: **оби нимгарм, чойи нимгарм**.

**НИМГИРИФТА** نیم‌گرفته нимхиррӣ, нимхирросӣ: **овози нимгирифта**.

**НИМГУРУСНА** نیم‌گرسنه он ки пурра сер нест; **нимсеру нимгурусна** на серу на гурусна.

**НИМГУРУСНАГӢ** نیم‌گرسنه‌گی нимгурусна будан, пурра сер набудан; ҳолати нимсеру нимгурусна.

**НИМГУШНА** نیم گشنه *ниг.* **нимгурусна**.

**НИМҒУРМА** نیم‌غرم нофаҳмо, норавшан: **нимғурма талаффуз кардан**.

**НИМДАРИДА** نیم‌دریده каме дарида, қисман порашуда.

**НИМДАШТ** نیم‌دشت саҳрое, ки ниме аз он бе обу гиёҳ ва ниме сабзу хуррам аст, нимбиёбон.

**НИМДОИРА** نیم‌دائره нисфи доира; нимҳалқа: **нимдоира нишастан**.

**НИМДОНАГӢ** نیم‌دانگی як донаро ба ду ҳисса тақсим карда; нимтоӣ, нисфӣ.

**НИМДОШТ** نیم‌داشت чизи муддате дар истифодабуда ё пӯшидашуда: **либоси нимдошт; пойафзори нимдошт**.

**НИМДУНБУЛ** نیم‌دنبل ба пухтан наздикшуда; нимпухта: **гандуми нимдунбул, лӯбиёи нимдунбол; тухми нимдунбул** тухми мурғи нимпухтаву нимхом.

**НИМЗИНДА**نیم‌زنده нимҷон: **ним зиндаву ним-мурда**.

**НИМИРӮЗӢ** نیم‌روزی вақти пешин, нимаи рӯз, зӯҳр.

**НИМИСТГОҲ** نیم‌استگاه истгоҳи хурди роҳи оҳан.

**НИМИШАБӢ** نیم‌شبی вақти ними шаб.

**НИМӢ** نیمی ниме (нисфе) аз чизе, ки ба таври мусовӣ ба ду тараф мерасад; ба ҳар як кас ба андозаи ним-ним; нисфӣ.

**НИМКАТ** نیم‌کت кати хурд; харак.

**НИМКАФОН** نیم‌کفان **:пистаи нимкафон** пистаи даҳонаш нимкушода; **нимкафон кардан** калон-калон шикастан (*мас.*, *ҳезумро*).

**НИМКОВОК** نیم‌کاواک то нисф миёнтиҳӣ як андоза дарунхолӣ: **нимковок кардан**, **нимковок мондан**.

**НИМКОЛА** نیم‌کاله *гуфт ниг.* **нимкора**.

**НИМКОРА** نیم‌کاره нотамом, нопурра, чала. **ниму нимкора** чала, нотамом; **нимкора мондан (партофтан)** кореро ба итмом нарасонидан, ноқис гузоштан.

**НИМКОРАГӢ** نیم‌کاره‌گی нотамомӣ, нопуррагӣ, ба анҷом нарасидагӣ.

**НИМКОСА** نیم‌کاسه косача, пиёлаи калон; **дар таги коса нимкоса ҳаст** (*мақ.*) дар мавриди дар коре ниҳон будани сирре, мақсаде ё ҳилаю найранге гуфта мешавад.

**НИМКОФ** نیم‌کاف нимбоз, нимкушода, нимроғ.

**НИМКУРА**نیم‌کره ними кура(и замин): **нимкураи шимолӣ, нимкураи ҷанубӣ**.

**НИМКУШО** نیم‌کشا нимбоз, нимкоф, нимроғ: **дари нимкушо, тирезаи нимкушо, чашмро нимкушо кардан**.

**НИМКУШОДА**نیم‌کشاده *ниг.* **нимкушо**.

**НИМКУШТА**نیم‌کشته нимбисмил, нимҷон; **зада нимкушта кардан** мурданивор задан, ниҳоят сахт лату кӯб кардан.

**НИМКӮР**نیم‌کور он ки қобилияти биноии ӯ ба дараҷаи нисфи зарурӣ аст, чашмони ӯ хира шудааст: **чашмони нимкӯр**.

**НИМКӮФТА** نیم‌کفته **: гӯшти нимкӯфта** гӯшти бо кӯбаи махсус зада андак мулоим карда; **ғаллаи нимкуфта** *ниг.* **ярма**.

**НИМЛАНГ** نیم‌لنگ *кит.* асбоби тасмамонанди чармӣ барои дар пушт нигоҳ доштани камон; тасмаи туфанг; камондон.

**НИМЛИТРА** نیم‌لتره ҳар зарфе, ки дар ҳаҷми ним литр ғунҷоиш дорад.

**НИМЛУЧ** نیم‌لوچ *ниг.* **нимбараҳна**.

**НИММАНӢ** نیم‌منی *кҳн.* чорпудӣ: **деги нимманӣ**.

**НИММАСТ** نیم‌مست он ки тамоман маст нашудааст, ширакайф на масту на ҳушёр, **ниммасту нимҳушёр**.

**НИММОҲА** نیم‌ماهه 1. муддати нисфи моҳро дошта, ним моҳро пуркарда. 2. муддати 15 рӯзро фарогиранда; **музди кори ниммоҳа** муздe, ки барои кори 15-рӯза пардохта мешавад; **нақшаи ниммоҳа** нақшаи корҳое, ки бояд дар мӯҳлати ним моҳ иҷро карда шаванд.

**НИММУРДА**نیم‌مرده нимҷон; бемадор, сусту лакот.

**НИММУСТАҚИЛ** نیم‌مستقل давлат ва мамлакате, ки истиқлоли комил надорад.

**НИММУСТАМЛИКА** نیم‌مستملکه мамлакати нимасоҳибихтиёр, ниммустақил (*дар корҳои маъмурию давлатдорӣ*).

**НИММУҲОФИЗ** نیم‌محافظ *ниг.* **ниммуҳофизатчӣ**.

**НИММУҲОФИЗАТЧӢ** نیم‌محافظتچی *варз.* яке аз бозингарони футболу хоккей, ки алоқаи байни муҳофизатчиён ва ҳуҷумкунандагон ба воситаи ӯ сурат мегирад.

**НИМНАМО** نیم‌نما чизе, ки нисфи он ба назар менамояд, нимаш намоён; **моҳи аз таги абр нимнамо**.

**НИМНИГОҲ** نیم‌نگاه назари сатҳӣ, нигоҳи андак; нигоҳ бо қирраи чашм; **нимнигоҳ кардан** бедиққатона назар андохтан, бо қирраи чашм нигоҳ кардан.

**НИМНИДО** نیم‌ندا бонг бо садои начандон баланд; хитоби беҷуръатона.

**НИМНИҚОБ** نیم‌نقاب ниқоби борик, ки фақат қисми болоии рӯйро мепӯшонад.

**НИМНИҲОӢ** نیم‌نهائی нимфиналӣ, бозиҳо ва мусобиқаҳое, ки ба даври пеш аз ниҳоӣ ворид

шуда дар онҳо чор даста ё чор нафар боқӣ мондаанд.

**НИМНИШАСТ** نیم‌نشست паҳлӯ зада ё такя карда нишастан.

**НИМНОҚИЛ** نیم‌ناقل *физ.* ҷисмҳое, ки аз ҷиҳати дараҷаи ҷараёни барқро чи тавр гузаронидашон дар байни филизот ва диэлектрикҳо ҷой гирифтаанд.

**НИМНОҚИЛӢ** نیم‌ناقلی *мансуб ба* **нимноқил;** дорои нимноқил: **асбобҳои нимноқилӣ**.

**НИМОСТИН** نیم‌آستین остинаш ним, остинкӯтоҳ: **куртаи нимостин**.

**НИМПАЗ** نیم‌پز нимпухта, нимхом (*оид ба* таом): **нимпаз кардан, нимпаз шудан**.

**НИМПАЙКАРА**نیم‌پیکره ҳайкали аз миён болои одам.

**НИМПАРДА** نیم‌پرده 1. пардаи матое, ки аз поин қариб то нисфи тирезаро фаро мегирад, пардаи кӯтоҳи тиреза. 2. *мус.* яке аз фосилаи хурдтарини байни оҳангҳои мусиқӣ.

**НИМПАҲЛУ** نیم‌پهلو ба як бари бадан такя карда дароз кашидан.

**НИМПАШМИН** نیم‌پشمین порчаи аз нахи пашмӣ ва пахтагӣ бофташуда.

**НИМПУДӢ** نیم‌پودی вазни нисфи пудро дошта (баробар ба 8 кг): **санги нимпудӣ**.

**НИМПУР** نیم‌پر то нисф пуркардашуда: **сатили нимпур**.

**НИМПУХТ(А)** نیم‌گپخته 1. нимпаз, нимхом. 2. нимдунбул, нимрасида (*оид ба* мева).

**НИМПӮСИДА** نیم پوسیده пурранапӯсида.

**НИМПӮСТИН** نیم پوستین пӯстини кӯтоҳи то зону.

**НИМПӮШ\\НИМПӮШИДА** نیم‌پوش//نیم‌پوشیده ним пӯшидаву нимкушода: **нимпӯш кардан (чашмро)**. 2. то ним панаҳ, қисман пинҳон.

**НИМРАВШАН** نیم‌روشن на он қадар равшан, каме равшан.

**НИМРАНГ** نیم‌رنگ 1. дорои ранги норав шан, камранг. 2. *бот.* як навъ ангури дерпаз, ки баъди пухтан зарди сафедча ё гулоби мешаванд.

**НИМРАС** نیم‌رس норасида, нимпухта, нимпаз: **сарҳои нимраси ҷуворӣ**.

**НИМРАСМӢ**نیم‌رسمی бо риояти нопурраи талаботи ҳукумату мансабдорӣ ва расмият: **даъвати нимрасмӣ**; **либоси нимрасмӣ** либоси ним ба либоси ашхоси расмӣ ҷавобгӯ.

**НИМРАҲА** نیم‌رهه *ниг.* **нимроҳа**.

**НИМРОҒ** نیم‌راغ нимкушода, нимбоз: **дари нимроғ**.

**НИМРОҲА**نیم‌راهه нисфи роҳ, миёни роҳ, нима роҳ.

**НИМРУХ** نیم‌رخ *ниг.* **нимрӯ(й)**.

**НИМРӮ(Й)** نیم‌رو(ی) сурат ё тасвире, ки як тарафи рӯи одамро нишон медиҳад, нимрух (профил).

**НИМРӮЗ** نیم‌روز 1. нисфи рӯз, нимаи рӯз; нимрӯзӣ, зӯҳр, пешин. 2. *кит.* ҷануб, тарафи ҷануб. 3. номи қадимии вилояти Систон. 4. *мус.* номи як оҳанги қадимӣ.

**НИМРӮЗА**نیم‌روزه *мансуб ба* **нимрӯз** (1); дар муддати нисфи рӯз иҷрошаванда: **нимрӯза кор, нимрӯза роҳ**.

**НИМРӮЗИНА**نیم‌روزینه *ниг.* **нимрӯза: кори нимрӯзина**.

**НИМРӮЗӢ** نیم‌روزی вақти зӯҳр, пешин.

**НИМРӮЯ** نیم‌رویه 1. ними рӯйро намоён карда, бо як паҳлуи рӯй: **нимрӯя истодан.** 2. яктарафа, яксӯя: **нимрӯя сурх кардан (тасфондан)**; **тоқиро нимрӯя ниҳодан** тоқиро кақ ба сар ниҳодан.

**НИМСАДО**نیم‌صدا *збш.* овозе, ки вобаста ба мавқеи ҳиҷо гоҳе садонок ва гоҳе ҳамсадо мешавад *(мас., j ва w дар забони англисӣ)*.

**НИМСАРД** نیم‌سرد нимхунуку нимгарм.

**НИМСЕР** نیم‌سیر на он қадар сер, на гуруснаву на сер; *муқоб.* **нимгурусна.**

**НИМСЕРӢ** نیم‌سیری нимсер будан, ҳолати на серу на гурусна будан.

**НИМСОАТА** نیم‌ساعته ним соат, (30 дақиқа)-ро фарогиранда, дар ним соат иҷрошаванда: **кори нимсоата, сӯҳбати нимсоата**.

**НИМСОАТИНА** نیم‌ساعتینه *ниг.* **нимсоата**.

**НИМСОЛА** نیم‌ساله *мансуб ба* **нимаи сол**, 6-моҳа: **нимсолаи дувум** нисфи дуюми сол; **маҷаллаи нимсола** маҷаллае, ки дар ним сол як бор чоп мешавад.

**НИМСОЛИНА** نیم‌سالینه мутааллиқ ба муддати ними сол; нимсола.

**НИМСОЛӢ** نیم‌سالی шашмоҳӣ; дар ним сол як бор.

**НИМСОХТ** نیم‌ساخت нима сохташуда; чала ва нотамоммонда.

**НИМСУФТА** نیم‌سفته он чи ҳанӯз ба тамом суфта нашудааст, комилан ҳамвор нагардидааст.

**НИМСӮЗ** نیم‌سوز нимсӯхта; нимдаргирифта, (чӯби) як тарафаш сӯхта.

**НИМСӮХТА** نیم‌سوخته *ниг.* **нимсӯз**.

**НИМТА** نیم‌ته *гуфт.* 1. нимаи чизе, нисфи чизе; **нимтаи нон роҳати ҷон** (*мақ.*) **якта-нимта** хеле кам, ягон-ягон; **нони** *касеро* **нимта кардан** (*мақ.*) ба даромади касе халали калон расондан,ба манфиати касе зарар расондан. 2. *маҷ., гуфт.* як шишаи нимлитра (*доир ба* арақ).

**НИМТАБАҚ** نیم‌طبق табақи хурд, табақча.

**НИМТАБАССУМ** نیم‌تبسم табассуми малеҳ, табассуми андак: **нимтабассум кардан**.

**НИМТАГӢ** نیمته‌گی *гуфт.* 1. нисфӣ, нимтанимта, ним-ним. 2. *кин.* нимлитрӣ (*оид ба* арақ).

**НИМТАЙЁР** نیم‌تیار ҳар чизи нима омодашуда; ба такмил заруратдошта: **маҳсулоти нимтайёр.**

**НИМТАНА** نیم‌تنه камзӯлча, гуппича; **расми нимтана** расме, ки дар он аз миён болои тани одам акс ёфтааст.

**НИМТАХТ** نیم‌تخت кати хурд; тахти хурди хоб, нимкат.

**НИМТАЪЗИМ** نیم‌تعظیم **:нимтаъзим кардан** қоматро каме хам кардан (*ба аломати эҳтиром*).

**НИМТИҲӢ** نیم‌تهی чизи нисфи он холӣ, то нима пур кардашуда.

**НИМТОРИК** نیم‌تاریک ҳолати байни торикию равшанӣ; андак торик.

**НИМТОРИКӢ** نیم‌تاریکی нимрӯшноию нимсиёҳӣ; говгум, вақти шом.

**НИМФАРБЕҲ** نیم‌فربه на он қадар фарбеҳ, нисфи дараҷаи фарбеҳиро гирифта.

**НИМФИНАЛӢ** نیم‌فنلی **:мусобиқаи нимфиналӣ** ду вохӯрии пеш аз охирини 4 даста ё 4 нафар варзишгар, ки ғолиби ҳар як вохӯрӣ ҳаққи дар бозии финалӣ иштирок карданро ба даст меорад, нимниҳоӣ.

**НИМХАМ** نیم‌خم то нисф хам шуда; хамида, каҷ; **нимхам шуда роҳ рафтан** бо қомати хам (қат) роҳ рафтан.

**НИМХАНД** نیم‌خند *ниг.* **нимханда**.

**НИМХАНДА** نیم‌خنده табассум, лабханд.

**НИМХАРОБ** نیم‌خراب ҳанӯз тамоман вайроннашуда; (димнаи) нимвайрона.

**НИМХЕЗ** نیم‌خیز аз ҷои нишаст то нимаи қомат хеста, ҳолати байни хестану нишастанӣ: **нимхез шудан**.

**НИМХОБ** نیم‌خواب ҳолати байни хобу бедорӣ; хоби сабук.

**НИМХОИДА** نیم‌خائیده пурра хоида нашуда.

**НИМХОЛӢ** I نیم‌خالی нисфаш холӣ, то ним пур.

**НИМХОЛӢ** II نیم‌خالی *дар бозиҳои варзишӣ*: нисфи як холи бурд барои ҳар ҳариф.

**НИМХОМ** نیم‌خام 1. нимпухта, нопухта (*оид ба* нон, таом). 2. норасида: **меваи нимхом**.

**НИМХУФТА** نیم‌خفته *ниг.* **нимхоб**.

**НИМХУШК** نیم‌خشک ҳанӯз тамоман хушкнашуда: **ҳезуми нимхушк**.

**НИМХӮРДА** نیم‌خورده аз касе пасмонда (*оид ба* хӯрок); саркут.

**НИМҲАЛҚА** نیم‌حلقه нимдоира.

**НИМТАРГ//НИМТАРК** نیم‌ترگ//نیم‌ترک *кҳн.* 1. кулоҳе, ки дар вақти ҷанг мепӯшиданд, хӯд. 2. навъе аз хайма, хаймаи хурд.

**НИМҲУШЁР** نیم‌هشیار дар ҳолати як дараҷа ҳушёру як андоза маст: **ниммасту нимҳушёр**.

**НИМЧА** I نیمچه *кҳн.* воҳиди ченаки вазн, ки тахминан ба 400-500*г* баробар будааст.

**НИМЧА** II نیمچه 1. ҳар чизи кӯтоҳ (*хусусан ли-*

*бос*). 2. *гуфт.* нимкола, чала.

**НИМЧАГӢ** نیمچگی ба вазни нимча; ба қадри 400-500 граммӣ: **чойи нимчагии коғазпеч, шамъи нимчагӣ**.

**НИМЧАМУЛЛО** نیمچه‌ملا муллои мадраса хатмнакарда; муллои чаласавод.

**НИМҶАЗИРА** نیم‌جزیره *ҷугр.* қитъаи байни об, ки се тарафи онро об фаро гирифта, аз як тараф ба хушкӣ пайваст аст.

**НИМҶИДДӢ** نیم‌جدّی на тамоман ҷиддӣ; ҳазломез: **суханони нимҷиддию нимшӯхӣ**.

**НИМҶОМА** نیم‌جامه нимкамзӯли пахтанок; куфайка.

**НИМҶОН** نیم‌جان 1. ба ҳалокат наздикрасида, ниммурда. 2. фартут, беқувват, сусту заиф.

**НИМШАБ** نیم‌شب 1. нимаи шаб, нисфи шаб. 2. *маҷ.* бевақт, дер ( *баъд аз фаро расидани шаб*).

**НИМШАФФОФ** نیم‌شفّاف на он қадар шаффоф, шаффофияташ на ба дараҷаи пурра.

**НИМШИКАН** نیم‌شکن 1. нимшикаста, нимпора. 2. қаткарда, қатшуда, хамшуда; **каллапӯшро нимшикан мондан** каллапӯшро каҷ (нимрӯя) ба сар мондан.

**НИМШИКАСТА** نیم‌شکسته нимвайрон, нимхароб, пурра нашикаста.

**НИМШОҲӢ** نیم‌شاهی матое, ки ними нахаш аз шоҳист, нимабрешимӣ.

**НИМШУКУФТ** نیم‌شکفت нисф кушодашуда, нисф бозшуда (*нисбат ба гул*).

**НИМШУНАВО** نیم‌شنوا овози паст: **бо овози нимшунаво.**

**НИМШУСТА** نیم‌شسته ба пуррагӣ нашуста, тоза шустанашуда.

**НИМШӮХӢ** نیم‌شوخی бо андак шӯхӣ; шӯхиомез, нимҳазл: **нимшӯхию нимҷиддӣ**.

**НИНАКШАХ** ننکشخ *гуфт.* гарданшахи бешарм, якрави берӯ.

**НИНАКШАХӢ** ننکشخی *гуфт.* гарданшахӣ, якравӣ; берӯӣ.

**НИНИЧА** نینیچه *гуфт.* тифли навзод.

**НИНӢ** نینی *ниг.* **нинича**.

**НИОБИЙ** *лот.* نیابیی *хим.* филизи пӯлодранги сахтгудоз ва устувор, ки дар саноати электротехникӣ, мушаксозӣ *ва г.* истифода мебаранд.

**НИРӮ//НЕРУ** نیرو қувва, зӯр, қудрат.

**НИРӮМАНД** نیرومند пурқувват, пурзӯр, тавоно.

**НИРӮМАНДӢ** نیرومندی пурқувватӣ, пурзӯрӣ, тавоноӣ.

**НИСБАТ** *а.* نسبت иртибот ва муносибати байни ду чиз ё ду кас; **нисбати**... муносибати..., робитаи...; алоқаи…; **нисбати хешӣ доштан** *ба касе* робитаи хешӣ доштан бо касе; **нисбати шогирдӣ доштан** *ба касе* шогирд будан ба касе; **нисбат ба...** а) назар ба..., қиёсан бо..., дар муқоиса бо.... б) дар ҳаққи..., дар бораи..., оид ба... (*ба ин маъноҳо* ба ҷои «нисбат ба…» *кор фармудани* нисбати ... аз фасоҳат дур аст). **нисбат додан** ба касе мансуб донистан, махсус шуморидан ба касе; **нисбат доштан** муносибат доштан, рабт доштан, дар алоқа будан, бо касе, чизе; мансуб будан, ба касе, чизе; **нисбати ду адад** *риёз.* ҳосили тақсиме, ки дар натиҷаи тақсим кардани адади якум ба адади дуюм ба даст меояд; **нисбати таносуб** *риёз.* номи мавзӯи арифметикӣ; **й-йи нисбат** *грам.* пасванди й-йи нисбӣ, ки сифати нисбӣ месозад.

**НИСБАТАН** *а.* نسبتاً нисбат ба чизҳои ҳамрадифи худ, қиёсан.

**НИСБӢ** نسبی *мансуб ба* **нисбат**; сифати нисбӣ *грам.* сифате, ки бо й-йи нисбат сохта шудааст (*мас.* падарӣ, ҳаққи падарӣ...); **ҷонишини нисбӣ** *ниг.* **ҷонишини саволӣ**.

**НИСВОН** *а.* نسوان *кит.* занон.

**НИСЁН** *а.* نسیان фаромӯшӣ, аз хотир баровардан; ◊ **ба тоқи нисён гузоштан (ниҳодан)** фаромӯш кардан.

**НИСО** *а.* نسا *кит.* занон, занҳо.

**НИСОБ** *а.* نصاب *кит.* 1. асли ҳар чизе; **ба нисобаш расонидан** то ба дараҷаи аслиаш расонидан. 2. ибтидо, оғози ҳар чиз. 3. *таър.* миқдори пулу моле, ки аз он закот додан лозим будааст.

**НИСОР** *а.* نثار 1. пошиш, резиш (*мас., пулро дар ҷашни арӯсӣ ба сару таги пои арӯсу домод*). 2. фидо, қурбон; **нисор кардан** а) рехтан, поши-

дан (*мас.,чизҳои пурқимат ва тангаро*); б) фидо кардан, қурбон кардан: **ҷон нисор кардан**.

**НИСФ** *а.* نصف як ҳисса аз ду ҳиссаи баробари чизе, ним, нима, ними чизе: **нисфи роҳ, нисфи умр; нисфи шаб** нимаи шаб; соати дувоздаҳи шаб, ки шабонарӯз аз он шурӯъ мешавад; **нисф шудан** нима шудан; **аз нисф гузаштан** аз нима зиёд шудан; **роҳро нисф кардан** ними роҳро тай кардан.

**НИСФАКОР**نصفه کار *таър.* деҳқоне, ки барои

соҳиб шудан ба нисфи ҳосил замини каси дигарро кишт мекард.

**НИСФАКОРӢ** نصفه کاری *таър.* кору шуғли нисфакор; киштукори замини дигаре барои соҳиб шудан ба ними ҳосил.

**НИСФИРӮЗӢ** نصفروزی вақти нисфи рӯз, дар нимаи рӯз, зӯҳр, пешин.

**НИСФИШАБӢ**نصفشبی вақти нисфи шаб, дар нимаи шаб, нимашабӣ.

**НИСФУННАҲОР** *а.* نصف‌النهار *кит.* миёнаи рӯз, ними рӯз, вақти пешин, зӯҳр; **нисфуннаҳор** *ниг.* **меридиан**.

**НИТОҚ** *а.* نطاق *кит.* миёнбанд, камарбанд.

**НИТОҶ** *а.* نتاج *кит.* 1. насл, зот; зоида; бачаи чорпоён; **нитоҷ гирифтан** насл гирифтан. 2. натиҷа, самар, маҳсул.

**НИТРАТ** *ю.* نیترت *хим.* намаки кислотае, ки аз гази нитроген бо роҳҳои гуногун ҳосил мешавад.

**НИТРОГЕН** *ю.* نیتراگین гази бебӯю беранг, ки қисми асосии ҳаворо ташкил медиҳад, азот.

**НИФА** نیفه 1. ҷои бандгузаронии эзор. 2. эзорбанд; камарбанди шалвор.

**НИФОҚ** *а.* نفاق 1. дурӯягӣ, мунофиқӣ. 2. ҳусумат, душманӣ; **нифоқ андохтан** ҷудоӣ андохтан; ба якдигар душман кардан.

**НИФОС** *а.* نفاس 1. хунравии баъди таваллуд дар занон. 2. айёми чиллаи зани таваллудкарда.

**НИХТА** نخته *гуфт.* халондани халачӯб (*ба хар дар вақти рондан*); **нихта кардан//нихта задан** а) халачӯб халондан (*ба хар*); б) нӯги ангуштро ба паҳлуи касе расонидан, оҳиста хала карда мондан (*барои водоштан ба коре*).

**НИҲЕБ** *а.* نهیب *кит.* ҳайбат; тарс, бим.

**ниҳод** نهاد *асоси замони гузашта* аз **ниҳодан**.

**НИҲОД** نهاد 1. табъ, табиат; сиришт; тинат; **дар ниҳоди**… ботини одамӣ. 2. *маҷ.* бунёд, асос.

**НИҲОДАН** نهادن 1. чизеро ба ҷое мондан, гузоштан. 2. канор гузоштан (барои захира); захира кардан; **рӯ ба гурез ниҳодан** рӯ ба гурез овардан, гурехтан, фирор кардан.

**НИҲОЗИДАН//НУҲОЗИДАН** نهازیدن *кит.* тарсидан, бим бурдан, ваҳмидан.

**НИҲОӢ** نهای *мансуб ба* **ниҳоят**; охирӣ, охирин, хотимавӣ; **натиҷаҳои ниҳоӣ** натиҷаҳои охирин.

**НИҲОЛ** I نهال 1. дарахти нав шинондашуда, дарахти навраста ва ҷавон; **ниҳол шинондан** дарахти ҷавонро ба ҷое шинондан, ниҳол кучат кардан, ғарс кардан. 2. танаи аз замин нав қадкашидаи растанӣ; **ниҳол аз об сер не, бача аз хоб сер не** (*зарб.*)

**НИҲОЛ** II نهال *кит.* бистар, рахти хоб, кӯрпаву болин, болишт.

**НИҲОЛА** I نهاله *кит.* 1. дарахти наврӯида, ниҳол. 2. шохаи дарахт, ки шикорчиён ба нӯги он латтапораеро баста овезон карда, дар як тарафи дом мегузоранд, то ки ҷонварон аз он тарсида ба сӯи дом раванд.

**НИҲОЛА** II نهاله *кит.* камин; камингоҳи сайёд ё душман.

**НИҲОЛАГОҲ//НИҲОЛАГАҲ** نهاله گاه//نهاله گه *кит.* камингоҳ, махсусан камингоҳи шикорчиён.

**НИҲОЛЗОР**نهالزار майдони ниҳолҳо, замини дарахтони ҷавон.

**НИҲОЛӢ** I نهالی дарахти навраста барои кӯчат.

**НИҲОЛӢ** II نهالی *кит.* бистар, болишт.

**НИҲОЛПАРВАР** نهالپرور парварандаи ниҳолҳо; боғбони хоҷагии оид ба таҳия ва парвариши ниҳолҳо барои кӯчат.

**НИҲОЛПАРВАРӢ** نهالپروری парвариши ниҳол; оид ба таҳия ва нигоҳубини ниҳолҳо барои кӯчат: **хоҷагии ниҳолпарварӣ**.

**НИҲОЛХОНА** نهالخانه ҷои махсус барои парвариши ниҳолҳо; гармхонаи ниҳолрасонӣ.

**НИҲОЛШИНОНӢ** نهال‌شنانی *исми амал аз* **ниҳол шинондан**; дарахтшинонӣ, кӯчаткунии **ниҳолҳо: мавсими ниҳолшинонӣ**.

**НИҲОН** نهان пӯшида, пинҳон, нуҳуфта; **дар ниҳон** ниҳонӣ, пинҳонӣ; **дар ошкоро ва ниҳон** рӯирост ва пинҳонӣ; **рози ниҳон** сирри махфӣ; **ниҳон гаштан(шудан)** пинҳон шудан, аз назар нопадид гаштан; **ниҳон доштан** пӯшида нигоҳ доштан, пинҳон кардан; **ниҳон кардан** пинҳон кардан, махфӣ нигоҳ доштан; **ниҳон мондан** пӯшида мондан, ошкоро ва фош нашудан.

**НИҲОНГОҲ**نهانگاه ҷои пинҳон шудан, ҷои пинҳон.

**НИҲОНӢ** نهانی 1. махфӣ, пинҳонӣ, пӯшида; **душмани ниҳонӣ** хасми пӯшидакор. 2. ба таври пинҳонӣ, махфиёна.

**НИҲОНХОНА** نهانخانه хилватхона, ҷои хилват, ки дар зери замин барои нигаҳдории хӯрокворӣ ва ҳимоя аз сардиву гармӣ сохта мешавад.

**НИҲОЯТ** نهایت 1. охир, анҷом, поёни коре ё чизе. 2. оқибат, дар охир, билохира. 3. хеле, бисёр, аз ҳад зиёд, беҳад, беандоза, бағоят; **ниҳоят зарур** хеле ва беҳад зарур; **ба ниҳояти...** ба дараҷаи охири..., ба ҳадди охири ... **дар ниҳояти...** ба дараҷаи олии...

**НИШАЛЛО** نشلا шириниест, ки бо омезиши қиёми шакар ба кафки бех ва сафедаи тухм тайёр карда мешавад.

**НИШАЛЛОПАЗ** نشلاپز он ки нишалло мепазад.

**НИШАЛЛОПАЗӢ** نشلاپزی пухтани нишалло; касб ва кори нишаллоҳпаз.

**НИШАЛЛОФУРӮШ** نشلافروش он ки нишалло мефурӯшад, фурӯшандаи нишалло.

**НИШАЛЛОФУРӮШӢ** نشلافروشی фурӯхтани нишалло, фурӯши нишалло.

**нишаст** نشست *асоси замони гузашта аз* **нишастан**.

**НИШАСТ** نشست 1. шишт; **ҷои нишаст** ҷой барои нишастан, нишастгоҳ; **хонаи нишаст** хонаи истиқоматӣ; **нишасту бархост** шиштухез, мусоҳибат. 2. маҷлис, ҷамъомад; **нишаст кардан** ҷамъ омадан, маҷлиси базм ё зиёфат оростан. 3. ба замин фуромадан, фурудоӣ: **нишасти мулоими киштии кайҳонӣ, нишасти ҳавопаймо**.

**НИШАСТА** I نشسته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **нишастан**. 2. он ки шишта бошад, нишастагӣ. 2. қароргирифта дар ҷое.

**НИШАСТА** II نشسته *ниг.* **нишоста**.

**НИШАСТАГӢ** نشستگی *шакли дигари сифати феълии* **нишастан**.

**НИШАСТАН** نشستن 1. сурини худро ба ҷое гузошта, пойҳоро қат ё дароз карда қарор гирифтан, шиштан: **ба курсӣ нишастан, дар атрофи сандалӣ нишастан, дар пеши** *касе* **нишастан; дузону нишастан** ҳар ду зонуро ба замин монда нишастан. **зону зада нишастан** бо зону нишастан; **сари ду по нишастан** зонуро қат карда, вале ба замин нарасонда нишастан, диккак нишастан; **чорзону нишас-тан** пойҳоро қат карда нишастан. 2. фурӯ рафтан,чӯкидан; **ба замин нишастан** ба замин яксон шудан; фурӯ рафтан, чӯкидан. 3. фуромадан, поин шудан. 4. савор шудан: **ба асп нишастан, ба мошин нишастан, ба ҳавопаймо нишастан**. 5. истиқомат доштан, иқомат кардан, сокин будан. 6. часпидан: **гард нишастан, хок нишастан, чанг нишастан** *ба чизе.* 7. *ҳамчун феъл* давом доштани амалро *ифода мекунад;* **моҷаро карда нишастан.** 8. *ҳамчун феъли ёридиҳанда феълҳои таркибии номӣ месозад:* **ором нишастан, бекор нишастан**; ◊ **ба тахт нишастан** маросими тахтнишиниро иҷро кардан, ҷулус кардан; подшоҳиро ибтидо гузоштан; **бо ҳам нишастан** якҷо будан, ҳамроҳ будан; **нишастани офтоб** фурӯ рафтани офтоб, ғуруби офтоб; **нишастани шамол** мондани шамол, хомӯш шудани бод, қарор гирифтани шамол; **меҳри** *касе* **дар дил нишастан** касеро дӯст доштан, ошиқи касе шудан.

**НИШАСТАНБОБ** نشستنباب боби нишастан, муносиб барои нишаст: **ҷои нишастанбоб**.

**НИШАСТАНГОҲ//НИШАСТАНГАҲ** نشستن‌گاه//نشستن‌گه 1. ҷои нишастан. 2. толори ҷашн, ҷашнгоҳ; маҷлиси ҷашн. 3. ҷои тахт, пойтахт.

**НИШАСТГОҲ** نشستگاه 1. истиқоматгоҳ, манзил. 2. ҷои махсуси нишаст (*мас., дар мошин*).

**НИШАСТУХЕЗ** نشستوخیز шинухез, муошират, омезиш, ҳамнишинӣ: **нишастухез кардан**.

**НИШЕБ** نشیب 1. пастӣ, пастии замин; *муқоб.* **фароз**; **нишебу фароз** пастию баландӣ. 2. замини пасти сарозер, ҷои сарозер, **соҳили нишеби дарё.**

**НИШЕБӢ** نشیبی пастӣ; ҷои сарозер.

**НИШЕБОНА** نشیبانه дар ҳолати нишеб, сарозер, рӯ ба поин.

**НИШЕМ** نشیم *ниг.* **нишеман**.

**НИШЕМАН** نشیمن *кит.* 1. нишастгоҳ, ҷои нишастан; ҷойгоҳ. 2. истиқоматгоҳ, маҳалли сукунат. ҷои истиқомат, маҳалли сукунат. 3. *кит.* лона, ошёна.

**НИШЕМАНГАҲ** نشیمنگه *ниг.* **нишемангоҳ**.

**НИШЕМАНГОҲ** نشیمنگاه ҷои нишаст; ҷои ба нишастан мувофиқ; нишин**.** 1. *асоси замони ҳозира аз* **нишастан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* нишинанда, бошанда: **хонанишин, шаҳрнишин**.

**НИШИНАНДА** نشیننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **нишастан**; он ки нишаста бошад; **нишинандагони меҳмонхона** сокинони меҳмонхона.

**НИШОЛЛО** نشالا *ниг.* **нишалло**.

**НИШОЛЛОПАЗ** نشالاپز *ниг.* **нишаллопаз**.

**НИШОЛЛОПАЗӢ** نشالاپزی *ниг.* **нишаллопазӣ**.

**НИШОЛОФУРӮШ** نشالافروش *ниг.* **нишаллофурӯш**.

**НИШОЛЛОФУРӮШӢ** نشالافروشی *ниг.* **нишаллофурӯшӣ**.

**нишон** نشان 1. *асоси замони ҳозира аз* **нишондан.** 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои муракаб ба маънои* нишонанда: **оташнишон**.

**НИШОН** نشان 1. асар, пай, из; нишона, аломат; дарак; **нишон додан** а) ишора кардан ба чизе; чизе ё касеро ба каси дигар намоёндан; намоиш додан; б) вонамуд кардан, зоҳир кардан; в) маълум кардан, муайян сохтан; г) исбот кардан, собит намудан; тасдиқ кардан; **нишон мондан** асар мондан, ёдгорӣ боқӣ мондан; **беному нишон рафтан** беасар рафтан, бедарак шуда рафтан; **кор нишон додан** хидмате кардан, кореро ба хубӣ адо намудан; ҳунарнамоӣ кардан; **худро нишон додан** истеъдод ва лаёқати худро зоҳир кардан; **Худо нишон надиҳад** *аз қабили* Худо нигаҳ дорад ҳаргиз нашавад!; **шоҳид нишон додан** касеро ҳамчун шоҳид мауаррифӣ кардан, шоҳид овардан. 2. чизе ки дар машқҳои таълимӣ ва ҳарбӣ ба он нигоҳ карда тир мепарронанд, ҳар чизе, ки ҳамчун ҳадафи тирандозон хизмат мекунад, омоҷ; **ба нишон гирифтан** а) бо чашм ҳадафро муайян кардан; б) ҳадаф қарор додан (*барои гаразе*); **бо як тир чанд(ду) нишонро задан** *маҷ.* аз коре якбора ду натиҷа (фоида) ба даст даровардан. 3. тамға, аломати фарқ, нишона. 4. аломате ба шакли порчаи филизӣ (аз тилло, нуқра *ва г.*), ки барои қадр кардани хизматҳои шоён ба касе аз тарафи хукумат дода мешавад ва ба сари сина овехта мегарданд, орден; медал; аломате, ки ба ғолибони мусобиқа, барандаи мукофоте ё соҳибони унвону дараҷае супурда мешавад; **нишони “Шараф”; нишони сарисинагӣ**.

**НИШОНА** نشانه 1. асар, дарак, аломат, нишон; **нишона намондан, ному нишона набудан** асаре боқӣ намондан. 2. доғ, пай. 3. чизе ки аз касе ба ёдгор мемонад, ёдгорӣ. 4. *ниг.* **нишон** 2; **нишона задан** ба ҳадаф задан (расондан) тирро.

**НИШОНАГИР** نشانه‌گیر ба нишон гиранда, ҳадафро муайянкунанда.

**НИШОНАГИРӢ** نشانه‌گیری 1. *ниг.* **нишонгирӣ**. 2. аломати чизеро ба хотир нигоҳ доштан; нишонаи чизеро таги чашм кардан.

**НИШОНАГУЗОР** نشانه‌گذار он ки аломат мегузорад.

**НИШОНАГУЗОРӢ** نشانه‌گذاری 1. нишона ва аломат мондан дар чизе. 2. аз худ чизе барои ёдгор боқӣ гузоштан.

**НИШОНАДОР** نشانه‌دار он чи дар худ аломате ё тамғае дорад; **куртаи доғдор ва нишонадор**.

**НИШОНАКАРДА** نشانه‌کرده ишорашуда, аломат гузошташуда: **ҷои нишонакарда**.

**НИШОНАМОНӢ** نشانه‌مانی *ниг.* **нишонагузорӣ**.

**НИШОНАНОК** نشانه‌ناک *ниг.* **нишонадор.**

**НИШОНАГИРАК** نشانه‌یرک *ниг.* **нишонгирак**.

**НИШОНГИР** نشانگیر 1. он ки ба нишон мегирад, он ки ҳадафи тирро муайян мекунад. 2. тирандози моҳир, нишонзан; бехато ба ҳадаф зананда, нишонрас.

**НИШОНГИРАК** نشانیرک қисми ҳадафро муайянкунандани аслиҳаи ҷангӣ; қаровулак (*дар милтиқ*).

**НИШОНГИРӢ** نشانگیری нишон гирифтан барои тирандозӣ, ба нишон гирифтан.

**НИШОНГОҲ** نشانگاه ҷое, ки тирро ба он нигоҳ карда мепарронанд, ҷои нишонзанӣ.

**НИШОНГУЗОРӢ** نشانگذاری *ниг.* **нишонагузорӣ**.

**НИШОНДАН** نشاندن 1. *тарзи бавоситаи* **нишастан**; ба нишастан водор кардан, шинондан. 2. ҷой додан, ҷойгир кунондан (*дар манзиле*). 3. коштан, шинондан: **ниҳол шинондан.** 4. насб кардан, часпондан, устувор намудан: **нигин нишондан дар ангуштарӣ, ҷавоҳирот нишондан дар асбобҳои зинатӣ.** 5. ҳабс кунонидан; ҳабс кардан, дар маҳбас нигоҳ доштан; **оташ нишондан** оташро хомӯш кардан; **фурӯ нишондани дард** таскин додани дардро.

**НИШОНДИҲАНДА** نشاندهنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **нишон додан**. 2. аломате, ки ба чизе (ҷое) ишора мекунад *(мас.*, дар роҳ). 3. рақамҳое, ки равиши коре ё дараҷаи иҷрои нақшаеро манзур мекунанд; **нишондиҳандаҳои меҳнатӣ, нишондиҳандаи мусобиқа**.

**НИШОНДИҲӢ** نشاندهی 1. *исми амал аз* **нишон додан**. 2. намоиш додан; намоиш; **нишондиҳии филм**.

**НИШОНДОД** نشانداد 1. раҳнамоӣ, ҳидоят; дастур. 2. он чи (*мас., рақам ё ҳарфе*), ки асбобе нишон медиҳад.

**НИШОНДОР** نشاندار соҳибнишон, ордендор.

**НИШОНЗАН** نشانزن тирандозе, ки тирро бехато ба ҳадаф мерасонад; он ки нишона мегирад, ҳадафгир.

**НИШОНЗАНӢ** نشانزنی ба нишон задан, тирандозӣ ба нишон (*мас. , дар машқ*).

**НИШОНИДАН** نشانیدن *ниг.* **нишондан**.

**НИШОНӢ** نشانی номи кӯча ва шумораи бино ё хонаи иқомати шахсе чун аломати пайдо кардани он ё фиристодани мактуб *ва г.,* адрес.

**НИШОНКАРДА** نشانکرده *ниг.* **нишонакарда**.

**НИШОНРАС** نشانرس ба нишон расанда; бехато ба нишон зананда: тирҳояш нишонрас буданд.

**НИШОСТА** نشاسته оҳор, нишаста.

**НИШОТ** *а.* نشاط хурсандӣ, шодӣ, сурур шодмонӣ; **айшу нишот** дилхушию тараб.

**НИШОТОВАР** نشاطآور шодиовар, хурсандибахш, тарабангез.

**НИШОТОФАР** نشاطآفری *ниг.* **нишотовар**.

**НИШТАР** نشتر *ниг.* **нештар**.

**НИШХОР//НИШХӮР** نشخوار//نشخور кавша; **нишхӯр кардан** хӯроки хӯрдаро аз меъда ба даҳон гардонда ҷавидани гову гӯсфанд, кавша кардан.

**НИШХӮРД** نشخورد андаке аз коҳу алаф *ва г.,* ки дар охури ҳайвонот боқӣ мондааст, нимхӯрдаи гову гӯспанд *ва г.*

**НИЮШИДАН** نیوشیدن *кит.* шунидан, гӯш кардан; гӯш фаро додан гӯш додан..

**НИЮШО//НИЙӮШО** نیوشا *кит.* шунаванда, гӯшкунанда; гӯш фародиҳанда.

**НИЯТ//НИЙЯТ** *а.* نیت қасд, майл, азм, мақсад; **бо ин ният** бо ин майлу хоҳиш, бо ин мақсад; **ба нияти...** бо мақсади...; барои...; **ният доштан** дар қасди коре будан; **аз ният баргаштан** аз азм ва қарори худ баргаштан; **ба ният расидан** ба мақсаду орзу расидан.

**НО** I نا *пешванде, ки ба калима маънои* рад, инкор ва нафй *медиҳад:* **норавшан**, **нотавон**, **номаълум**, **нодуруст**, **нопадид**.

**НО** II نا об.

**НО** III نا 1. *ниг.* **най**. 2. гулӯ, ҳалқ.

**НОАЁН** ناعیان норавшан; диданашаванда; номаълум.

**НОАНИҚ** نانیق *ниг.* **номуайян**.

**НОАНИҚӢ** نانیقی *ниг.* **номуайянӣ**.

**НОАСЛ** ناصل 1. бадзот, ноҷинс; бадсифат. 2. нобакор, нокас, бадкирдор.

**НОАСЛӢ** ناصلی 1. ноҷинсӣ; бадсифатӣ. 2. ноба-

корӣ, нокасӣ, бадкирдорӣ.

**НОАҲЛ** ناأهل 1. белаёқат, нолоиқ, ноӯҳдабаро. 2. ноиттифоқ, нотифоқ.

**НОАҲЛӢ** ناأهلی 1. белаёқатӣ, ноӯҳдабароӣ. 2. ноиттифоқӣ, нотифоқӣ.

**НОАҲЛОНА** ناأهلانه 1. белаёқатона, ноӯҳдабароёна. 2. нотифоқона.

**НОБ** I ناب *кит.* соф, тоза, холис, беғаш: **зари ноб**, **майи ноб**.

**НОБ** II ناب *кит.* дандони ашк.

**НОБАКОР** نابکار бадкирдор, бадамал; нокас, паст, сифла.

**НОБАКОРӢ** نابکاری бадкирдорӣ, бадамалӣ; нокасӣ, сифлагӣ.

**НОБАКОРОНА** نابکارانه бадкирдорона, нокасона, зишт, бад: **ҳаракатҳои нобакорона**.

**НОБАЛАД** نابلد 1. ноошно бо чизе, надонанда. 2. ноогоҳ, ғайривоқиф. бехабар, ноогоҳ.

**НОБАЛАДӢ** نابلدی 1. ноошноӣ бо чизе, надонистани чизе. 2. ноогоҳӣ, новоқифӣ.

**НОБАНАВО** نابنوا *кит.* ҳар чизе, ки зоеъ шудааст ва ба кор намеояд.

**НОБАРОБАР** نابرابر номусовӣ; ноҷур, номуносиб (*аз ҷиҳати миқдор, дараҷа*); **ҷанги нобаробар** ҷанге, ки қувваи тарафайн баробар нест.

**НОБАРОБАРӢ** نابرابری баробар набудан, мусовӣ набудан; гуногунӣ(аз ҷиҳати миқдор, дараҷа, мақом).

**НОБАРОБАРҲУҚУҚ** نابرابرحقوق аз ҷиҳати ҳуқуқ ғайримусовӣ.

**НОБАРОБАРҲУҚУҚӢ** نابرابرحقوقی нобаробарӣ дар ҳуқуқ; нобаробарҳуқуқии миллатҳо дар баъзе мамлакатҳо.

**НОБАРОР** نابرار он ки бештарини кораш пеш намеравад ва ё умуман кораш омад намекунад, бемувафақият, ноком.

**НОБАРОРӢ** نابراری барор нагирифтани кор, бемуваффақиятӣ, ноомади кор.

**НОБАСОМОН** نابسامان 1. бесару бесомон; беназму тартиб: **зиндагии нобасомон**. 2. ошуфтаҳол, носозгор, номувофиқ, ноҳинҷор.

**НОБАСОМОНӢ** نابسامانی 1. бесарусомонӣ, номураттабӣ. 2. ошуфтаҳолӣ, носозгорӣ, ноҳинҷорӣ.

**НОБАСТА** نابسته бастанашуда, махсусан захме, ки докапеч нашудааст.

**НОБАҲАНГОМ** نابهنگام 1. бевақт, бемавқеъ. 2. бемаврид, беҷо.

**НОБАҲРА I** نابهره *кит.* бузург, азим.

**НОБАҲРА II** نابهره *ниг.* **набаҳра**.

**НОБАҲРАМАНД** نابهره مند *кит.* бебаҳра, бенасиб.

**НОБАҶО** نابجا *ниг.* **беҷо**.

**НОБИҒА** *а.* نابغه соҳиби ҳуш ва истеъдоди фавқулода, одами дорои истеъдоди барҷаста; **нобиғаи замон** одами дар илм ва фазл ягонаи замони худ.

**НОБИНО** نابینا маҳрум аз қобилияти биноӣ, кӯр, аъмо; **нобинои модарзод** аз модар нобино таваллудшуда.

**НОБИНОӢ** نابینای маҳрум будан аз биноӣ, бечашмӣ, кӯрӣ.

**НОБИСУД//НОБИСУДА** نابسود//نابسوده носуфта (*оид ба* сангҳои қиматбаҳо).

**НОБИХРАД** نابخرد бехирад, беақл, нодон.

**НОБИХРАДӢ** نابخردی бехирадӣ, беақлӣ, нодонӣ.

**НОБОБ** ناباب 1. номувофиқ, номуносиб; нокулай, бад. 2. ноформ, ногувор: **хӯроки нобоб.** 3. *маҷ.* ноҷинс, улфатнопазир; номуросо; **одами нобоб** одами номуросо, бадмуомила.

**НОБОБӢ** نابابی нобоб будан; номувофиқӣ, номуносибӣ; **нобобии ҷои истиқомат**.

**НОБОВАР** ناباور боварнакунанда, итминоннадошта, эътимоднадошта; шубҳакунанда (*ба дурустии коре, сухане, фикре*).

**НОБОВАРӢ** ناباوری бовар накардан, эътимод надоштан, итминон надоштан; шубҳа; **изҳори нобоварӣ кардан** итминон надоштани худро аз чизе ё касе баён намудан; шубҳа изҳор кардан.

**НОБОВАРОНА** ناباورانه бо нобоварӣ; ба назари шубҳа; **нобоварона нигоҳ кардан** бо шубҳа нигаристан.

**НОБОИСТ** نابایست *кит.* 1. нобоб, нолоиқ. 2. ғайри лозим; чизе ки ба кор намеояд.

**НОБОЛИҒ** نابالغ ба синни балоғат нарасида, ба ҳадди булуғ нарасида.

**НОБОЛИҒӢ** نابالغی ноболиғ будан; ба балоғат нарасидагӣ; даврони туфулият, айёми бачагӣ.

**НОБУД** نابود номавҷуд, нестшуда; барҳамхӯрда, аз байнрафта; **нобуд гардидан (гаштан)** нест шудан, барҳам хӯрдан, аз байн рафтан; **нобуд кардан** а) талаф кардан; беҳуда сарф кардан; б) *маҷ.* ҳалок сохтан; **нобуд шудан** а) талаф шудан; беҳуда рафтан, беҳуда сарф шудан, зоеъ шудан; **несту нобуд кардан** нест кардан, барҳам задан, зоеъ кардан; ◊ **буду нобуд** ҳасту нест, тамоми дороии касе.

**НОБУДА** نابوده 1. нобуд, номавҷуд; набуда, ғоиб. 2. нодор, камбағал, бенаво, бебизоат.

**НОБУДАГӢ** نابودگی нодорамӣ, камбағалӣ, бенавоӣ, бебизотӣ.

**НОБУДӢ** نابودی 1. нестӣ, фано. 2. нест шудан, талаф шудан, нобуд шудан. 3. нобудагӣ, камбағалӣ, бенавоӣ.

**НОБУДКОР**نابودکار исрофкор, беҳуда сарфкунанда.

**НОБУДКОРӢ** نابودکاری исрофкорӣ, беҳуда сарф ва талаф кардан: **нобудкорӣ кардан**.

**НОБУДМАНД** نابودمند *кит.* фақир, бебаргу наво; камбағал.

**НОБУРДБОР** نابردبار бесабр, бетоқат, бетаҳаммул.

**нов** ناو *асоси замони ҳозира аз* **новидан**.

**НОВ** I ناو 1. киштӣ, киштии ҷангӣ. 2. чӯби ковок ё қубури тунукагин, ки дар лаби бом гузошта мешавад, то ки оби боронро аз бом ба поён резонад; нова, новадон. 3. маҷрое, ки ба воситаи он об ба осиё мерезад.

**НОВ** II ناو *кит.* об; нам.

**НОВА** ناوه чӯби дарози дарунковок дар осиёҳои обӣ, қубури сафолӣ, филизӣ *ва ғ.*, ки дар обрезҳо ва обгузарҳо кор мефармоянд.

**НОВАДОН** ناوه‌دان *ниг.* **нов** I; **аз борон гурехта ба новадон дучор шудан** аз балое гурехта ба балои бадтар аз он воҳӯрдан.

**НОВАДОР** ناوه‌دار дорои нова, нова насб карда: **боми новадор.**

**НОВАК** I ناوک *шакли тасғир ва навозишии* **нов** I.

**НОВАК** II ناوک тири камон; тир; **новаки мижгон** *киноя аз* мижгони зебои маҳбуба.

**НОВАКАНДОЗ** ناوک‌انداز тирандозанда аз камон; камонвар.

**НОВАКАНДОЗӢ** ناوک‌اندازی тирандозӣ аз камон; камонварӣ.

**НОВАҚТ** ناوقت бевақт, нобаҳангом.

**НОВАҚТӢ** ناوقت бевақтӣ, нобаҳангомӣ.

**НОВАМОНАНД** ناوه‌مانند *ниг.* **новашакл**.

**НОВАРД** ناورد *ниг.* **набард**.

**НОВАРДХОҲ**ناوردخواه ҷангҷӯй, ҳариси ҷанг, касе, ки ҷанг металабад.

**НОВАЧА**ناوه‌چه новаи хурд.

**НОВАШАКЛ** ناوه‌شکل чизи ба нова монанд, шабеҳи нова, новамонанд.

**НОВДОН** ناودان *ниг.* **новадон**.

**НОВЕЛЛА** *ит.* ناویلا *адш.* навъи жанри хурди адабии ба ҳикоя монанд.

**НОВЕЛЛАНАВИС** ناویلانویس муаллифи новелла; нависандае, ки дар жанри новелла эҷод мекунад.

**НОВЕЛЛАНАВИСӢ** ناویلانویسی новелла навиштан, эҷод кардани новелла.

**НОВИДАН** ناویدن *кит.* 1. монанди нови сустшудаи бом ба чапу рост калавидан; калавида роҳ рафтан. 2. *маҷ.* хиромидан, ба ноз роҳ рафтан.

**НОВОБАСТА** ناوابسته вобастанабуда; ба сари худ, мустақил; **новобаста аз...** қатъи назар аз…, сарфи назар аз…

**НОВОҚИФ** ناواقف *кит.* бехабар, беиттиллоъ; ноозмудакор.

**НОВОҶИБ** ناواجب *кит.* 1. ғайрилозим, нолозим, нодаркор. 2. *ниг.* **мустаҳаб**.

**НОГАП** ناگپ :**ногап будан** ҳамгап набудан, қаҳрӣ будан; **ногап шудан** бо ҳамдигар гапнозан шудан, қаҳрӣ шудан.

**НОГАПӢ** ناگپی ҳамгап набудан, қаҳрӣ будан.

**НОГАҲ** ناگه *ниг.* **ногоҳ**.

**НОГАҲОН** ناگهان баногоҳ, банохост, ғайричашмдошт; якбора, дафъатан: **ногаҳон истода мондан, ногаҳон пайдо шудан**.

**НОГАҲОНӢ** ناگهانی ғайричашмдошт, ҳодисае, ки банохост ва якбора рӯй додааст; **балои ногаҳонӣ, ҳодисаи ногаҳонӣ; ҳуҷуми ногаҳонӣ** ҳамлаи якбораи пинҳонӣ.

**НОГИРО** ناگیرا чизеро дошта (гирифта) наметавонистагӣ, суст, бемадор.

**НОГОҲ** ناگاه 1. нохост; якбора, дафъатан. 2. бемаврид, нобаҳангом; **гоҳу ногоҳ** бемавриду бемаврид; **ба ногоҳ** ба як вақти номуайян, ба як вақти ғайричашмдошт.

**НОГУВОР**ناگوار 1. бадҳазм, ба табъ нофорам; бадмаза: **хӯроки ногувор**. 2. *маҷ.* нописанд, номувофиқ, нохушоянд; **вазъияти (ҳолати) ногувор; ногувор дидан** номуносиб донистан, раво надидан; **ногувор ҳис кардан** ноҳинҷор ҳис кардан; бад ҳис кардан.

**НОГУВОРӢ** ناگواری нохушӣ, ҳодисаи нохушоянд ва бад.

**НОГУВОРО** ناگوارا *ниг.* **ногувор**.

**НОГУДОХТА** ناگداخته гудохтанашуда, обнокарда: **равғани ногудохта**.

**НОГУЗИР**ناگزیر ноилоҷ, ҳатмӣ; ҳодисае, ки рӯй доданаш ҳатмист: **ногузир будан**.

**НОГУЗИРӢ** ناگزیری ногузир будан, ҳатмӣ будан: **ногузирии ғалаба**.

**НОГУФТ** ناگفت нохонда, даъватнашуда, бедаъват; **меҳмони ногуфт** меҳмони нохонда; **ногуфт рафтан** бе давъат рафтан.

**НОГУФТА** ناگفته баённагашта, изҳорнаёфта; гапи нотамом, ба охир нарасида: **ногуфта мондани сухан**; **ногуфта намонад, ки...** қобили тазаккур аст, ки..., бояд гуфт, ки...

**НОГУФТАНӢ** ناگفتنی 1. чизи гуфтанаш номумкин, гуфтанаш нораво. 2. он чи бояд пинҳон бимонад ва ба дигаре изҳор нашавад.

**НОДАРКОР** نادرکار зиёдатӣ, бекора, нолозим: **чизҳои нодаркор**.

**НОДАРКОРӢ** نادرکاری нодаркор будан, зарурат надоштан; зиёдатӣ.

**НОДИДА** نادیده 1. надидагӣ, бехабар; **худро нодида шуморидан (вонамуд кардан)** худро бехабар ва ғофил нишон додан. 2. *маҷ.* он ки молу давлат насибаш нашудаасут; чашмгурусна, бенаво, бебизоат.

**НОДИДАНӢ** نادیدنیчизи диданаш мамнӯъ, пинҳон дошташаванда.

**НОДИМ** *а.*نادم *кит.* надоматкунанда; пушаймон, пушаймоншуда.

**НОДИР** *а.* نادر 1. кам дидашаванда, кам дучоршаванда, камчин, камёб: **кони филизҳои нодир; китобҳои нодир** китобҳои камёб. 2. ягона, мумтоз, беназир, беҳамто.

**НОДИРА** *а.* نادره *муаннаси* **нодир**; **нодираи даврон** дар ҷаҳон ягона, беҳамтои ҷаҳон.

**НОДИРАГУФТОР** نادره‌گفتار хушсухан; зарофатгӯй, ҳозирҷавоб.

**НОДИРАДОН** نادره‌دان *кит.* одами ҳушёр, оқил, бофаросат, фозил, огоҳ.

**НОДИРАКОР** نادره‌دار санъаткори нафискор; ҳунарманди гулдаст; **ҳунармандони нодиракор**.

**НОДОН** نادان 1. ҷоҳил, бесавод, бедониш. 2. беақл, камақ;. **ҷони нодон дар азоб** (*зарб.*).

**НОДОНӢ** نادانی 1. бедонишӣ, бесаводӣ, бемаърифатӣ; ҷаҳолат. 2. беақлӣ, бефаҳмӣ, гӯлӣ; **нодонӣ кардан** аҳмақӣ кардан, дар коре бо сабаби ноогоҳӣ ғафлат кардан; **худро ба нодонӣ задан (андохтан)** худро аз чизе бехабар вонамуд кардан, худро бехабар нишон додан, тағофул кардан.

**НОДОР** نادار он ки чизе надорад, тиҳидаст, камбағал, мискин.

**НОДОРАМ** نادارم *ниг.* **нодор**.

**НОДОРАМӢ** نادارمی *ниг.* **нодорӣ**.

**НОДОРӢ** ناداری бенавоӣ, камбағалӣ, қашшоқӣ, бебизоатӣ, тиҳидастӣ.

**НОДУРУСТ** نادرست 1. ғалат, хато; *муқоб.* **дуруст**. 2. ноҳақ, нораво.

**НОДУРУСТӢ** نادرستی хато ва ғалат будан; раво набудан.

**НОДУХТАР** نادختر беиффат, нодӯшиза.

**НОЁБ** نایاب ёфтнашаванда, камёб, нодир: **гавҳари ноёб**, **хазинаи ноёб**.

**НОЁФТ** نایافت *ниг.* **ноёб**.

**ноз** ناز *асаси замони ҳозира аз* **нозидан**.

**НОЗ** ناز 1. хушаҳволӣ, ҳузуру ҳаловат; **нозу неъмат** хӯрданиҳои хубу болаззат. **бистари ноз** *маҷ.* бистари боҳузуру ҳаловат; **хоби ноз** хоб дар роҳату осудагӣ. 2. карашма, ишва, таннозӣ; **нозу адо** ишваю карашма; **нозу итоб** карашмаву ишваи хашмомез. 3. истиғно, эркагӣ; **нозу нуз** нею нестон аз рӯи эркагӣ, баҳоначӯӣ; **нози** *касе* **ғунҷидан** гапи касе гузаштан; эътибор доштан; **нози** *касеро* **бардоштан** ба эркагии касе тоб овардан; **ноз кардан** а) ишваву карашма кардан; б) эркагӣ кардан, нею нестон кардан аз эркагӣ. 4. фахр, тафохур, ғурур.

**НОЗАНДА** نازنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **нозидан**. 2. нозкунанда. 3. фахркунанда.

**НОЗАНИН** نازنین 1. ноздор, карашмагар, ишвагару танноз. 2. зебо, хушқаду қомат, нозукандом, дилрабо. 3. *маҷ.* маҳбуба.

**НОЗАНИНӢ** نازنینی зебоӣ, хушқаду қоматӣ, нозукандомӣ, дилрабоӣ.

**НОЗАРУР** ناضرور *ниг.* **нодаркор**.

**НОЗБАРДОР** نازبردار он ки нози касеро мебардорад; он ки ба эркагӣ ва инҷиқии каси дигар тоқат мекунад.

**НОЗБӮ(Й)** (نازبو(ی 1. *бот.* як навъ гиёҳи дастпарвари хушбӯй, аз лабгулҳо, лимӯгиёҳ. 2. райҳон.

**НОЗГУЛ** نازگل *бот.* як навъ растании майдагул аз ҷинси растаниҳои лӯбиёӣ, ки дар сурати даст расонидан баргҳояш баста мешавад, мимоза.

**НОЗДОР** نازدار нозкунанда, ишвагар.

**НОЗЕБ** نازیب 1. безеб, зишт, зиштрӯй, бадшакл. 2. назебанда, номувофиқ (*оид ба* либос); нописанд: **рафтори нозеб**.

**НОЗЕБО** نازیبا *ниг.* **нозеб**.

**НОЗЕБОӢ** نازیبای зиштӣ, зиштрӯӣ, бадшаклӣ.

**НОЗИДАН** نازیدن 1. ноз кардан, карашмаву ишва кардан. 2. фахр кардан, болидан.

**НОЗИЛ** *а* .نازل *кит.* 1. фурудоянда, пастфуроянда; **нозил шудан** поин омадан, фуруд омадан. 2. камбаҳо, камарзиш, паст; **ба қимати нозил** ба нархи арзон.

**НОЗИМ** *а.* ناظم 1. *кит.* он ки чизеро ба ришта мекашад (*мас., марворидро*). 2. ба назму тартибоваранда, тартибдиҳанда; танзимгар. 3. шоир, шеърнавис.

**НОЗИР** *а.* ناظر 1. назаркунанда, нигоҳкунанда, бинанда; **ҳозиру нозир** он ки дар ҷое ҳозир буда ва воқеаро дидааст. 2. назораткунанда, назоратчӣ; бозрас: **нозири роҳ**, **нозири тартибот**, **нозири шӯъбаи назорати техникӣ**. 3. *кҳн.* вазир; **шӯрои нозирон** шӯрои вазирон.

**НОЗИРАКӢ** نازیرکی зираку ҳушёр набудан; кундзеҳнӣ.

**НОЗИРӢ** ناظری назорат кардан, нигаҳбонӣ, бозрасӣ.

**НОЗИРОТ** ناظرات *ҷ.* **нозир**; идораи назорат, ва тафтиш; **нозироти андоз** идораи назорат ва тафтиши ҳолати андозсупорию андозгирӣ.

**НОЗИШ** نازش *исми феълӣ аз* **нозидан**; фахр, ифтихор.

**НОЗКАШ** نازکش *ниг.* **нозбардор**.

**НОЗКУНАНДА** نازکننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **ноз кардан**; он ки ноз мекунад, ишвакунанда.

**НОЗКУНОН** نازکنان *феъли ҳол аз* **ноз кардан**; бонозу карашма.

**НОЗОДА** نازاده зоиданашуда, таваллуднашуда; онки ё он чи ҳанӯз назоидааст.

**НОЗО(Й)** نازای назоянда, ақим (*оид ба* зан ва модаи чорпоён).

**НОЗОӢ** نازائی ноборворӣ, нозо будан.

**НОЗОФАРИН** نازآفرین 1. ба вуҷуд оварандаи нозу неъмат; оварандаи хушию хуррамӣ. 2. офаридашуда аз ноз; пурнозу карашма. 3. *маҷ.* маҳбуба, маъшуқа.

**НОЗОЯНДА** نازاینده он ки ё он чи қобилияти таваллуд кардан надорад, надоштанӣ тавоноии зоидан.

**НОЗПАРВАР** نازپرور 1. он ки бо нозу неъмат ва

меҳрубониҳо парвариш ёфтааст. 2. эрка калоншуда, тарбияи дурустнадида. 3. *маҷ.* маҳбуба, маъшуқа.

**НОЗПАРВАРДА** نازپرورده *ниг.* **нозпарвар.** ( 1. 2).

**НОЗПАРВАРДАГӢ** نازپروردهگی нозпарварда будан; эркагӣ, инҷиқӣ.

**НОЗУК** نازک 1. латиф, зариф, дилкаш. 2. нафис, тунук; **либоси нозук**, **матои нозук**. 3. борик: маҳин: **дасти нозук**, **тори нозук**. 4. зудранҷ; ҳассос: **дили нозук, хотири нозук.** 5. *маҷ.* муҳим, ҷиддӣ; **нозук-нозук** хиромон-хиромон, таннозона; бисёр эҳтиёткорона; **аз ҷои нозуки** *чизе* (*касе*) **гирифтан** ҷои муҳим ва ба зарба тобноовар ва зудшикани чизе, касеро ёфта тавонистан.

**НОЗУКАДО** نازکادا 1. он ки рафтор ва кирдораш дилписанду латиф аст. 2. хушадо; хушовоз.

**НОЗУКАДОӢ** نازکادای 1. латофатнокӣ, ҷозибадорӣ. дилрабоӣ, 2. хушадоӣ, хушовозӣ.

**НОЗУКАК** نازکک *шакли навозишии* **нозук**; хеле нозук.

**НОЗУКАНДЕШ** نازکاندیش борикандеш, нозукхаёл.

**НОЗУКАНДЕШӢ** نازکاندیشی борикандешӣ, нозукхаёлӣ.

**НОЗУКАНДОМ** نازکاندام он ки аъзою бадани вай латиф ва борик аст; нозукбадан.

**НОЗУКАНДОМӢ** نازکاندامی латифбаданӣ, нозукбаданӣ.

**НОЗУКБАДАН** نازکبدن 1. *ниг.* **нозукандом.** 2. *маҷ.* маъшуқаи латиф ва зебо; маъшуқа.

**НОЗУКБАДАНӢ** نازکبدنی *ниг.* **нозукандомӣ**.

**НОЗУКБАЁН** نازکبیان соҳиби гуфтори латифу дилкаш, хушбаён.

**НОЗУКБИН** نازکبین 1. борикбин, дақиқназар. 2. нуктасанҷ.

**НОЗУКБИНӢ** نازکبینی 1. борикбинӣ, дақиқназарӣ. 2. нуктасанҷӣ, мӯшикофӣ.

**НОЗУКДИЛ** نازکدل ҳассос, мутаассиршаванда; зудранҷ.

**НОЗУКДИЛӢ** نازکدلی ҳассосӣ, мутаассиршавандагӣ; зудранҷӣ.

**НОЗУКӢ** نازکی 1. назокат, латифӣ, зарифӣ, латофат; нафосат. 2. ҷиҳати хос, махсусият, сирру асрори чизе; **нозукиҳои забон** нуктаҳои борики забон.

**НОЗУКМИЁН** نازکمیان он ки миёни борики базеб дорад, борикмиён, камарборик, химчамиён.

**НОЗУКМИЗОҶ** نازکمزاج *ниг.* **нозуктабиат**.

**НОЗУКМИЗОҶӢ** نازکمزاجی *ниг.* **нозуктабиатӣ**.

**НОЗУКМУОМИЛА** نازکمعامله он ки дар муомила ба назокат эътибор медиҳад, хушмуомила, боилтифот.

**НОЗУКМУОМИЛАГӢ** نازکمعاملهگی риояи назокат дар муомила, хушмуомилагӣ, боилтифотӣ.

**НОЗУКОНА** نازکانه аз рӯи назокат, бо риояи зарофат, бо лутфу малоҳат.

**НОЗУКПАЙКАР** نازکپیکر *ниг.* **нозукбадан**.

**НОЗУКПӮСТ** نازکپوست пӯсташ нозук, пӯсттунук.

**НОЗУКРУХСОРА** نازکرخساره *ниг.* **нозукрӯй**.

**НОЗУКРӮЙ** نازکروی он ки рӯи дилкашу зебо дорад; хушрӯй.

**НОЗУКСАНАМ** نازکصنم маҳбубаи нозук, зебо.

**НОЗУКСАНҶ** نازکسنج 1. он чи дақиқ месанҷад, аниқ муайян мекунад: **тарозуи нозуксанҷ**. 2. *маҷ.* нуктасанҷ, борикбин: **мунаққиди нозуксанҷ**.

**НОЗУКСАНҶӢ** نازکسنجی 1. нозуксанҷ будан, дақиқкорӣ. 2. *маҷ.* нуктасанҷӣ, борикбинӣ.

**НОЗУКТАБИАТ** نازکطبیعت табъаш нозук, ҳассос; инҷиқ, сернозунуз.

**НОЗУКТАБИАТӢ** نازکطبیعتی нозуктабиат будан; ҳассосӣ; инҷиқӣ, сернозунузӣ.

**НОЗУКТАБЪ** نازکطبع *ниг.* **нозуктабиат**.

**НОЗУКТАБЪӢ** نازکطبعی *ниг.* **нозуктабиатӣ**.

**НОЗУКТИНАТ** نازکطینت касе, ки табиаташ нозук аст, ҳассос; зудранҷ.

**НОЗУКФАҲМ** نازکفهم борикхаёл, хушфаҳм; бофаросат, зирак.

**НОЗУКФАҲМӢ** نازک‌فهمی борикхаёлӣ, хушфаҳмӣ; дақиқназарӣ; зиракӣ.

**НОЗУКХАЁЛ** نازک‌خیال нозукандеш, дақиқназар: **шоири нозукхаёл** шоире, ки тахайлоти латифу ширинро тараннум мекунад.

**НОЗУНУЗ** نازنوز *ниг.* **ноз** (3).

**НОИБ** *а.* نائب 1. ҷонишин, муовин: **ноиби раис**. 2. вакил, ваколатдор.

**НОИБӢ** نائبی ниёбат, ҷонишинӣ, муовинӣ.

**НОИБКОНСУЛ** نائب‌کانسل *таър.* ҷонишини консул.

**НОИБУЛҲУКУМАТ** *а.* نائب‌الحکومت *таър.* он ки

ҳамчун ноиби ҳоким идораи шаҳре ба зиммаи ӯ гузошта шудааст; қоиммақом.

**НОИБУССАЛТАНА** *а.* نائب‌السلطنه *таър.* он ки ҳамчун ноиби подшоҳе, ки ба синни қонунӣ нарасидааст, салтанатро идора мекунад.

**НОИЖА** نایژه *кит.* қубур, лӯлаи об, ғулба.

**НОИЗА** نایزه *кит.* 1. *ниг.* **ноижа.** 2. *маҷ.* қатраи оби дида, ашк.

**НОИЛ** *а.* نائل он ки ба мақсади худ расидааст; **ноил шудан** а) расидан ба муроду мақсади худ; б) муваффақ шудан ба чизе.

**НОИЛОҶ** ناعلاج 1. ночор, лоилоҷ; маҷбур; **ноилоҷ мондан** ночор мондан; маҷбур шудан. 2. хоҳу нохоҳ, ногузир, аз рӯи зарурат (*кардан кореро*).

**НОИЛОҶӢ** ناعلاجی 1. ночорӣ, маҷбурӣ. 2. зарурат, ногузирӣ.

**НОИМ** *а.* نائم хобида, хуфта, хобрабуда; *муқ.* **навм**.

**НОИНСОФ** ناانصاف беинсоф; бевиҷдон.

**НОИНСОФӢ** ناانصافی беинсофӣ, беадолатӣ.

**НОИНСОФОНА** ناانصافانه бо ноинсофӣ, бо беадолатӣ: **ноинсофона рафтор кардан**.

**НОИРА** *а.* نائره *ниг.* **нойира**.

**НОИТТИФОҚ** نااتفاق муттафиқнабуда, тифоқнабуда, ноаҳл, ягонагӣ надошта.

**НОИТТИФОҚӢ** نااتفاقی аҳлу тифоқ набудан, нотифоқӣ, ноаҳлӣ.

**НОИТТИФОҚОНА** نااتفاقانه бо ҳам иттифоқ накарда, ноаҳлона, нотифоқона; ба таври пароканда.

**НОЙ I** نای *ниг.* **най**.

**НОЙ II** نای гулӯ, ҳалқум, ҳалқ.

**НОЙАНБОН** نای‌انبان *ниг.* **найанбон**.

**НОЙИРА** *а.* نائیره *кит.* оташи шӯълавар, оташи барафрӯхта; оташ, нор.

**НОЙЧА** نایچه 1. *ниг.* **найча** I, 1. 2. қисми лӯлашакли баъзе асбобҳо, ки бо он ҳаво мекашанд ё бод медаманд.

**НОК** I ناک *кит.* олуда, нопок, нософ (*оид ба мушку анбар ва г.*)

**НОК** II ناک растанӣ ва меваи он аз ҷинси мурӯд ва калонтар аз он, амруд, гулобӣ.

**НОКАРДАКОР** ناکرده‌کار он ки ноозмуда ва таҷрибадор нест, корнодида, бетаҷриба.

**НОКАС** ناکس он ки одамгарӣ надорад, ноодам, нобакор, разил; **касу нокас** одамони неку бад, одаму ноодам.

**НОКАСӢ** ناکسی ноодамӣ, пастӣ, номардӣ, разилӣ.

**НОКАУТ** *англ.* ناکاوت *варз.* вазъияти аз зарби ҳариф ба замин афтодани боксёр, ки даҳ сония нахезад, мағлуб ҳисоб мешавад.

**НОКЗОР** ناکزار ҷое, ки дарахти нок зиёд рӯидааст; боғи нок.

**НОКИФОЯ(Т)** ناکفایه// ناکفایت ба дараҷаи кофӣ набуда, нокофӣ.

**НОКИФОЯТӢ** ناکفایتی нокифоя (кам) будан, нокофӣ будан.

**НОКИШТА** ناکشته киштнашуда; нокорам, **нокишт гузоштан (мондан)** кишта нашудан.

**НОКОМ** ناکام 1. ба муроду мақсад нарасида, номурод. 2. ноумед, маъюс. 3. *нав.* дар мактабҳои олӣ – як навъ баҳои бад, ки ба донишҷӯи аз санҷиш нагузашта гузошта мешавад; *муқоб.* **комёб.**

**НОКОМӢ** ناکامی 1. ноком будан, ба муроду мақсади худ нарасидан; номуродӣ. 2. бемуваффақиятӣ.

**НОКОРАМ** ناکارم киштнашуда, бекорхобида:

**замини нокорам**.

**НОКОРДИДА** ناکاردیده *ниг.* **корнодида**.

**НОКОСТА** ناکاسته костанашуда, камнашуда, пурра; бенуқсон; **моҳи нокоста** а) моҳи шаби чордаҳ, моҳи пурра; б) *кин.* маҳбуба, маъшуқа.

**НОКОФӢ** ناکافی *ниг.* **нокифоя**.

**НОКУШОДА**ناکشاده бознашуда; ношукуфта: **кӯраки нокушода**, **муғчаи нокушода**.

**НОҚА** *а.*ناقه *кит.* шутури мода, модашутур.

**НОҚАВОМ//НОҚИВОМ** ناقوام *кит.* ноқоим, нопойдор, ноустувор.

**НОҚИД** *а.* ناقد *кит.* 1. саракунандаи пул, он ки пули сараро аз пули носара ҷудо мекунад. 2. *маҷ.* он ки хубу бади чизеро ҷудо карда метавонад; **ноқиди сухан** сухансанҷ, суханшинос.

**НОҚИЛ** I *а.*ناقل 1. чизеро аз ҷое ба ҷое баранда, аз ҷое ба ҷое гузаронанда, интиқолкунанда. 2. сими ғафси барқгузаронанда; **ноқилҳои барқӣ** а) *физ.* ҷисмҳое, ки ҷараёни барқро хуб мегузаронанд; б) сими ғафси барқӣ.

**НОҚИЛ** II *а.* ناقل *кит.* нақлкунанда, ҳикояткунанда.

**НОҚИЛИЯТ** *а.* ناقلیت *физ.* хусусияти ҷараёни барқро гузарондани ҷисмҳо: **ноқилияти барқӣ**.

**НОҚИЛТАСМА** ناقلتسمه *нав.* тасмаи даврзананда, ки борҳои гуногунро аз як ҷо ба ҷои дигар мерасонад: **ноқилтасмаи белчадор**.

**НОҚИС** *а.* ناقص 1. нотамом, нопурра. 2. *муқоб.* **комил; кори ноқис** кори нопурра, кори чала. нуқсондор, камбудидор.

**НОҚИСӢ** ناقصی 1. нотамомӣ, нопуррагӣ; нуқсондорӣ, камбудидорӣ. 2. камбудӣ, нуқсон.

**НОҚИСУЛАҚЛ** *а.* ناقص‌العقل ақлаш ноқис, ақлкӯтоҳ, камақл; нодон.

**НОҚИСУЛАҚЛӢ** ناقص‌العقلی камақлӣ, ақлкӯтоҳӣ; нодонӣ.

**НОҚОБИЛ** ناقابل белаёқат, беқобилият; ноўҳдабаро, беҳунар; беистеъдод; **фарзанди ноқобил** фарзанди бефаросат ва ноўҳдабаро; бачаи гарданшах, гапнодаро.

**НОҚОБИЛӢ** ناقابلی белаёқатӣ, беқобилиятӣ; ноўҳдабароӣ, беҳунарӣ; беистеъдодӣ,

**НОҚУЛАЙ** ناقلی 1. *гуфт.* номувофиқ, номусоид, номуносиб. 2. ногувор, носоз, нохуш; **дар вазъияти ноқулай гузоштан (мондан)** дар ҳолати ногувор гузоштан (мондан).

**НОҚУС** ناقوس зангӯлаи калони калисо, зангӯлаи ибодатхонаи насрониён.

**нол** *асоси замони ҳозира аз* **нолидан**.

**НОЛ** I نال 1. *кит.* най, қамиш; найи миёнковок.

**НОЛ** II نال *ниг.* **сифр**.

**НОЛА** ناله 1. овози баланд аз рӯи дард ё сӯзи дил, оҳу фарёд бо гиряву зорӣ, навҳа, нолиш: **нолаву афғон, нолаву зорӣ, гиряву нола, оҳу нола; нола кардан** гиряи сахт кардан; оҳу фиғон бардоштан; **нола кашидан** бо сӯзи дил фарёду фиғон кардан. 2. овози ғамгинонаи мусиқӣ ва суруд, савту оҳанги ҳазин: **нолаи танбӯр**.

**НОЛАГАР** ناله گر *ниг.* **ноланда** (2).

**НОЛАНДА** نالنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **нолидан**. 2. он ки менолад; зорикунанда.

**НОЛАОМЕЗ** ناله‌آمیز навҳаомез, фиғономез, бо нола, бо нолиш, нолишомез.

**НОЛАОМЕЗОНА** ناله‌آمیزانه навҳагарона, оҳу фиғонкунон.

**НОЛАПАРДОЗ** ناله‌پرداز нолакунанда, зорикунанда; фарёду фиғонкунанда.

**НОЛИДАН** نالیدن 1. гиряву зорӣ кардан, нолиш кардан. 2. шикоят кардан, гила кардан.

**НОЛИШ** نالش 1. *исми феълӣ аз* **нолидан**; нолаву зорӣ, оҳу фиғон: **нолиш кардан**. 2. шикоят, изҳори норизоӣ.

**НОЛИШГАР** نالش گر нолагар, ноланда.

**НОЛИШКУНАНДА** نالش‌کننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **нолиш кардан**. 2. ноланда, зорикунанда.

**НОЛИШКУНОН** نالشکنان *феъли ҳол аз* **нолиш кардан**; бо нолиш, бо оҳу воҳ; бо овози ҳазин.

**НОЛОИҚ** نالائق 1. носазовор, ношоиста; номуносиб, номувофиқ: **кори нолоиқ**, **рафтори нолоиқ**, **сухани нолоиқ**. 2. *маҷ.* наарзанда, беарзиш: **ҷони нолоиқ**.

**НОЛОИҚӢ** نالایقی носазоворӣ, ношоистагӣ, номуносибӣ.

**НОЛОН** نالان *феъли ҳол* аз **нолидан**; нолишкунон, бо нолиш, бо оху воҳ; **гирёну нолон** бо оҳу фиғон, бо доду оҳ.

**НОМ** نام 1. калимае, ки барои муайян кардани касе ё чизе махсус шудааст, исм; **номи аслӣ** номи ҳақиқӣ (на лақаб ва на тахаллус); **ному насаб** исми худ ва нисбати хонаводагӣ, аслу авлод; **аз номи**... аз тарафи..., аз ҷониби...: **аз номи тамоми халқи тоҷик; ба ном** гӯё, зоҳиран, расман; **ба номи**... а) ба исми..., мавсум ба...; б) ба унвони...; **ном ба ном** шахсан, бо номи ҳар яке, як ба як номбурда; **ном бурдан** а) номи касеро ба забон гирифтан; ном гирифта ҷеғ задан; б) зикр кардан, гуфта гузаштан; **ном гирифтан** а) ном бурдан, номи касеро гуфтан, зикр кардан; б) номида шудан, бо ном ё сифате машҳур шудан; **ном гузоштан (мондан)** номидан, исм мондан; **ному нишон мондан** *киноя аз* асар боқӣ мондан, хотира мондан; **ному нишон набудан** а) асаре ё нишонае набудан; б) бедарак шудан. 2. номидашуда, номидашаванда. 3. *маҷ.* обрӯ, эътибор; **ному нанг** *маҷ.* ору номус; обрӯю эътибор; **ном баровардан** *киноя аз* машҳур шудан, номдор шудан.

**НОМА** نامه 1. навиштае, ки ба касе ё ҷое мефиристонанд, мактуб, хат, руқъа. 2. *кит.* китоб, асар; ◊ **номаи аъмол** *д.* рӯйхати корҳои неку бади кас тибқи ривоёти динӣ, ки гӯё фариштаҳо ба ҳисоб гирифта, рӯзи қиёмат ба дасти соҳибашон месупоранд; **номаи камол** шаҳодатнома дар бораи тамом кардани мактаби миёна.

**НОМАБАР** نامه‌بر барандаи мактуб, хаткашон, қосид, пайк; **кабӯтари (мурғи) номабар** кабӯтари хаткашон.

**НОМАБАРӢ** نامه‌بری номарасонӣ, хаткашонӣ, қосидӣ.

**НОМАВЗУН** ناموزون 1. номутаносиб. 2. бевазн, вайронвазн: **шеъри номавзун**.

**НОМАВЗУНӢ** ناموزونی номавзун будан, номутаносибӣ.

**НОМАВҶУД** ناموجود мавҷуднабуда, вуҷуд надошта; ғайривоқеӣ.

**НОМАЗБУТ** نامضبوت ноустувор, нопойдор, нояпнда.

**НОМАҚБУЛ** نامقبول ғайри қобили қабул; номаъқул, писандиданашуда.

**НОМАҚБУЛӢ** نامقبولی қобили қабул набудан; номаъқулӣ, нописандидагӣ.

**НОМАҚДУР** نامقدور *кит.* 1. он чи одам ба он қодир нест. 2. номумкин, имконопазир, муҳол.

**НОМАНАВИС** نامه‌نویس нависандаи нома, мактубнавис, номанигор.

**НОМАНАВИСӢ** نامه‌نویسی мактубнависӣ, номанигорӣ.

**НОМАНЗУМӢ** نامنظومی ношоиронагӣ, шеърият надошта, ғайришоирона.

**НОМАНЗУР** نامنظور *кит.* манзурнагашта; дар назар нагирифта, ба эътибор нагирифта.

**НОМАНИГОР** نامه‌نگار *ниг.* **номанавис**.

**НОМАНИГОРӢ** نامه‌نگاری *ниг.* **номанависӣ**.

**НОМАОВАР** نامه‌آور *ниг.* **номабар**.

**НОМАРАСОН** نامه‌رسان *ниг.* **номабар**.

**НОМАРАСОНӢ** نامه‌رسانی *ниг.* **номабарӣ**.

**НОМАРБУТ** نامربوط дахлнадошта ба чизе ё касе, берабт, бемуносибат.

**НОМАРБУТӢ** نامربوطی берабтӣ, бемуносибатӣ.

**НОМАРҒУБ** نامرغوب нофорам, номатбӯъ; номатлуб.

**НОМАРҒУБӢ** نامرغوبی нофорамӣ, номатбӯӣ; номатлубӣ.

**НОМАРД** نامرد 1. тарсончак; беғайрат, беҳамият. 2. нокас, нобакор, ноодам, разил.

**НОМАРДӢ** نامردی 1. тарсончакӣ, буздилӣ; ноустуворӣ дар қавли худ. 2. нокасӣ, нобакорӣ, ноодамӣ, разилӣ.

**НОМАРДОНА** نامردانه нобакорона, нокасона, разилона.

**НОМАРДУМ** نامردم *кит.* нокас, одами паст, ноодам.

**НОМАРДУМӢ** نامردمی *кит.* нокасӣ, пастфитратӣ, ноодамӣ.

**НОМАРЗӢ** نامرضی *кит.* нописандида, ношоиста, номақбул; нофорам, номатбӯъ.

**НОМАРЪӢ** I نامرئی *кит.* диданашаванда; пинҳон, махфӣ.

**НОМАРЪӢ** II نامرعی *кит.* риоя накарда, диққат накарда; ба ҷо наоварда.

**НОМАСДУД** نامسدود *кит.* масдуднашуда, бастанашуда; кушода: **сарҳади номасдуд**.

**НОМАСИЁҲ** نامه‌سیاه бадамал, бадкирдор, табаҳкор.

**НОМАСКУН** نامسکون ғайримаскун, маҳалли сукунат қарорнагирифта; беодам: **ҷазираи номаскун**.

**НОМАСЪУЛ** نامسئول ғайримасъул; бемас ъулият, масъулиятношинос.

**НОМАТБӮЪ** نامطبوع 1. мувофиқи табънабуда, нофорам. 2. ба табъ нарасида, чопнашуда: **асари номатбӯъ**.

**НОМАТЛУБ** نامطلوب мувофики мақсаднабуда, ғайри дилхоҳ; номақбул.

**НОМАФҲУМ** نامفهوم нофаҳмо, фаҳмнорас, муғлақ, мубҳам: **калимаи номафҳум**.

**НОМАФҲУМӢ** نامفهومی нофаҳмоӣ, муғлақӣ, мубҳамӣ.

**НОМАҲДУД** نامحدود ғайримаҳдуд, он чи ҳадду канор надорад, беканор.

**НОМАҲДУДӢ** نامحدودی беканорӣ, васеӣ; беохирӣ, бешуморӣ.

**НОМАҲРАМ** نامحرم 1. бегона, ғайр; ғайрихудӣ; он ки сазовори маҳрамӣ нест. 2. *кҳн.* он ки ба хонаи занон ва ҳавлии дарун даромадани ӯ мумкин нест.

**НОМАҲРАМӢ** نامحرمی номаҳрам будан; бегонагӣ; ғайрихудӣ будан.

**НОМАҲСУР** نامحصور *кит.* 1. беҳисор, бедевор. 2. *маҷ.* номаҳдуд, беҳудуд; беҳад, бешумор.

**НОМАШҲУР** نامشهور машҳурнашуда, шӯҳратнадошта; ғайри маъруф: **шоири номашҳур**.

**НОМАШҲУРӢ** نامشهوری машҳур набудан, шӯҳрат надоштан.

**НОМАЪДУД** نامعدود бешумор, беҳисоб; аз ҳад афзун.

**НОМАЪҚУЛ** نامعقول 1. он чи мувофиқи ақлу хирад нест, ба ақл рост намеояд. 2. номақбул, ғайри қобили қабул, нописандида.

**НОМАЪҚУЛӢ** نامعقولی кори нораво ва номақбул, кори нописанд: **номаъқулӣ кардан**.

**НОМАЪЛУМ** نامعلوم 1. номуайян, ғайри мушаххас. 2. шинохтанашуда; ношинос, **одамони мусаллаҳи номаълум; номаълум карда** нафаҳмонда, ошкор накарда, зоҳир насохта, ба таври пинҳонӣ, номаълумак.

**НОМАЪЛУМӢ** نامعلومی номуайянӣ, номушаххасӣ; норавшанӣ; номафҳумӣ: **номаълумии фикр.**

**НОМАЪЛУМАК//НОМАЪЛУМАКАК** نامعلومک//نامعلومکک *гуфт.* маълум накарда, нафаҳмонда, пинҳонӣ: **номаълумакак гузаштан** *аз ҷое.*

**НОМАЪМУР** نامأمور нообод, хароб, вайрон: **деҳаи номаъмур**.

**НОМАЪНУС** نامأنوس *кит.* 1. унснагирифта, хӯнакарда, одатнакарда. 2. ноошно, ношинос; **калимаҳои номаънус** калимаҳои ғайриодӣ ва номаҳфум; калимаҳои ғайримустаъмал.

**НОМАЪРУФ** نامعروف номаълум, номуайян, шинохтанашуда, номашҳур.

**НОМБАР** نامبر **:номбар кардан** ном бурдан, зикр намудан.

**НОМБАРДОР** نام‌بردار номдор, машҳур, маъруф.

**НОМБАРДОРӢ** نام‌برداری номбарорӣ, номоварӣ; шӯҳратнокӣ.

**НОМБАРОРӢ** نام‌براری *исми амал аз* **ном баровардан**; шӯҳрат ёфтан, машҳур гаштан.

**НОМБАРШУДА** نامبرشده *ниг.* **номбурда.**

**НОМБУРДА** نام‌برده мазкур, зикршуда.

**НОМВАР** نامور *ниг.* **номовар.**

**НОМГУЗОРӢ** نام‌گذاری *исми амал аз* **ном гузоштан;** номмонӣ, ном мондан ба касе ё ба чизе ва ё ҷое: **номгузорӣ шудан.**

**НОМГӮӢ** نام‌گوی 1. чизе бо номе қайдшуда; номи сабтшуда. 2. ном, унвон: **даҳ номгӯӣ маҷалла**, **панҷ номгӯӣ рӯзнома**.

**НОМДОР** نام‌دار овозадор, машҳур, шӯҳратнок, маъруф; ба некӣ номбароварда: **устои номдор. шоири номдор.**

**НОМДОРӢ** نام‌داری овозадорӣ, шӯҳратнокӣ, машҳурӣ; некномӣ.

**НОМДУЗД** نام‌دزد он ки ном ва унвони шахси дигарро аз они худ кардааст.

**НОМЕҲРУБОН** نامهربان бемеҳр, бемуҳаббат; беилтифот; бешафқат.

**НОМЕҲРУБОНӢ** نامهربانی бемеҳрӣ; беилтифотӣ; бешафқатӣ.

**НОМЕҲРУБОНОНА** نامهربانانه бо номеҳрубонӣ; беилтифотона, бешафқатона.

**НОМЗАД** نامزد 1. он ки кореро ба вай муносиб дидаанд; он ки ӯро барои интихоб, қабул ва таъйин кардан ба коре, ишғоли вазифае ё дарёфти унвоне дар назар гирифтаанд; **номзад ба узви ҳизб** он ки пеш аз қабул шудан ба узвияти ҳизб давраи санҷишро аз сар бояд гузаронад; **номзад ба вакилӣ** шахсе, ки барои интихоб шудан ба вакилӣ пешниҳод шудааст. 2. духтаре, ки барои зан шудан ба касе муносиб дида шудааст, арӯсшаванда; **номзад кардан** ба арӯсӣ интихоб кардан; **номзад шудан** ба арӯсӣ интихоб шудан. 3. дараҷаи аввали унвони илмӣ; **номзади илми филология**, **номзади илми таърих**.

**НОМЗАДӢ** نامزدی 1. *мансуб ба* **номзад**; номзад будан. 2. номзад пешбарӣ шудан (*ба ишғоли вазифа, интихобот ва г.*); **имтиҳони номзадӣ** имтиҳон аз фанҳое, ки барои гирифтани дараҷаи номзади илм муқаррар шудааст; **рисолаи номзадӣ** асари илмӣ барои гирифтани дараҷаи номзади илм.

**НОМИДА** نامیده *сифати феълии замони гузашта аз* **номидан**; **номида шудан** ном гирифтан; номгузорӣ шудан.

**НОМИДАН** نامیدن зикр кардани чизе ё касе бо номе, ном додан.

**НОМИДАШАВАНДА** نامیده‌شونده *сифати феълии замони ҳозира аз* **номида шудан**; номбаршаванда, он ки ва он чи бо номе зикр мешавад.

**НОМИЯ** *а.* نامیه 1. *муаннаси* **номӣ** II. 2. қувваи рӯяндагӣ, қувваи рӯиш, қобилияти рӯидан ва болидан. 3. *маҷ.* наботот.

**НОМӢ** I نامی 1. номдор, овозадор; машҳур: **оҳангсози номӣ, нависандаи номӣ**. 2. *грам. мансуб ба* **ном** (хоҳ ҷинс бошад ва хоҳ хос); **ҳиссаҳои номии нутқ** ҳиссаҳои исм, сифат ва шумора, ки номи ашё, шахс, аломат, миқдор *ва г.*-ро ифода мекунанд; **хабари номӣ** хабаре, ки бо ҳиссаҳои номии нутқ ифода ёфтааст.

**НОМӢ** II *а.* نامی нумувкунанда, рӯянда, сабзанда; рустанӣ.

**НОММОНӢ** نام‌مانی *исми амал аз* **ном мондан**; номгузорӣ.

**НОМНАВИС** نام‌نویس **:номнавис кардан** ба қайд гирифтани ном, ба рӯйхат даровардани ном; **номнавис шудан** *тарзи мафъулии* **номнавис кардан**

**НОМНАВИСӢ** نام‌نویسی сабти ном кардан, ба қайд гирифтани ном.

**НОМОВАР** نام‌آور номдор, соҳибном, овозадор, шӯҳратёфта, машҳур.

**НОМУАЙЯН** نامعین 1. он чи аз ҷиҳати миқдор, ҳаҷм ва манбаъ аниқ ва муайян нест, ғайри мушаххас, аниқ муқаррарнашуда: **даромади номуайян**. 2. норавшан; ноаниқ: **ҷавоби номуайян**.

**НОМУАЙЯНӢ** نامعینی номуайян будан; номушаххасӣ, ноаниқӣ; норавшанӣ.

**НОМУБОРАК** نامبارک шум, бехосият, бадбахтиовар, манҳус: **қадами номуборак**.

**НОМУБОРАКӢ** نامبارکی шумӣ, бехосиятӣ, манҳусӣ.

**НОМУВАФАҚҚИЯТӢ** ناموفقیتی *ниг.* **бемуваффақиятӣ**.

**НОМУВАҶҶАҲ** ناموجه *кит.* сухан ё узри бедалелу беасос; ғайримаъзур: **эътирозоти номуваҷҷаҳ**.

**НОМУВОФИҚ** ناموافق ғайримувофиқ, носозгор, номуносиб.

**НОМУВОФИҚАТӢ** ناموافقتی мувофиқ набудан, мувофиқат надоштан.

**НОМУКАММАЛ** ناکمل такмилнаёфта, ғайрикомил, нопурра.

**НОМУКАММАЛӢ** ناکملی номукаммал будан, комил набудан; нопуррагӣ.

**НОМУКАРРАР** نامکرر такрорнашаванда;

ҳамеша нав, доимо тоза.

**НОМУКАРРАРӢ** نامکرری нотакрорӣ, ҳамеша нав будан, доимо тоза будан.

**НОМУҚАРРАР** نامقرر 1. ғайримуқаррар, номуайян. 2. ғайриодӣ, аз одат берун, на ба таври ҳаррӯза ва ҳамеша.

**НОМУҚАРРАРӢ** نامقرری 1. ғайримуқаррарӣ, номуайянӣ. 2. ғайриодӣ будан.

**НОМУМКИН** ناممکن ғайриимкон, аз имкон дур, муҳол.

**НОМУМКИНӢ** ناممکنی ғайриимкон будан, аз имкон дур будан, муҳолӣ.

**НОМУНОСИБ** نامناسب 1. номақбул, нораво. 2. номувофиқ, носозгор; нозеб.

**НОМУНОСИБӢ** نامناسبی 1. номақбулӣ, норавоӣ. 2. номувофиқӣ, носозгорӣ; нозебӣ.

**НОМУНТАЗАМ** نامنتظم ғайримунтазам, номураттаб; бенизом, бетартиб.

**НОМУНТАЗАМӢ** نامنتظمی тартиб ва низом надоштан.

**НОМУРАТТАБ** نامرتب номунтазам, бетартиб; пароканда, парешон.

**НОМУРАТТАБӢ** نامرتبی номунтазамӣ, бетартибӣ; парокандагӣ, парешонӣ.

**НОМУРОД** نامراد ноком, ба муроду мақсад нарасида; бадбахт.

**НОМУРОДӢ** نامرادی нокомӣ, маҳрумият.

**НОМУРОСО** نامراسا унснагиранда; нобоб, ночинс.

**НОМУС** *ю.* ناموس 1. шараф, обрӯ, некномӣ. 2. исмат, иффат, покӣ, покизагӣ; **ирзу номус** обрӯ ва шараф. 3. нанг, шарм, ор; **ору номус** иззату шараф; **номус кардан** ор кардан, шарм доштан.

**НОМУСАЛСАЛ** نامسلسل *кит.* номуттасил, номураттаб, нопайваста.

**НОМУСАТТАҲ** نامسطح *кит.* ноҳамвор, пасту баланд.

**НОМУСОИД** نامساعد мусоидатнакунанда, номувофиқ, носозгор; ноқулай: **вазъияти номусоид**.

**НОМУСОИДӢ** نامساعدی мусоидат накардан, номувофиқӣ, созгор набудан: **номусоидии обу ҳаво**.

**НОМУСТАИД** نامستعد *кит.* истеъдод надошта, беистеъдод, беқобилият; нолоиқ, носазовор.

**НОМУСТАҚИЛ** نامستقل мустақилиятнадошта, ғайрисоҳибихтиёр; ғайримухтор.

**НОМУСТАҚИЛӢ** نامستقلی мустақилият надоштан, соҳибихтиёр набудан, мухтор набудан

**НОМУСТАҚИМ** نامستقیم *кит.* 1. кач. 2. *мач.* нодуруст, норост.

**НОМУСТАҚИМӢ** نامستقیمی 1. качӣ. 2. *мач.* нодурустӣ, норостӣ.

**НОМУСТАЛАБ** نامستلب ориятхоҳ; иззатталаб.

**НОМУСТАЛАБӢ** نامستلبی ориятхоҳӣ; иззатталабӣ.

**НОМУСТАҲКАМ** نامستحکم ноустувор, нопойдор суст.

**НОМУСТАҲКАМӢ** نامستحکمی ноустуворӣ, нопойдорӣ.

**НОМУСУЛМОН** نامسلمان ғайримусулмон; кофир (*аз рӯи ақидаи дини ислом*).

**НОМУТАНОСИБ** نامتناسب таносубаш вайрон, номувофиқ, бетаносуб.

**НОМУТАНОСИБӢ** نامتناسبی вайронии таносуби чизе, бетаносубӣ, номувофиқӣ.

**НОМУТАНОҲӢ** نامتناهی беинтиҳо, бениҳоят, бепоён.

**НОМУТАШАККИЛ** نامتشکل ғайримуташаккил, тартибу низоми муайяннадошта, бетартибу бенизом.

**НОМУТАШАККИЛӢ** نامتشکلی муташаккил набудан, шаклу назми муайян надоштан.

**НОМУТАШАККИЛОНА** نامتشکلانه ба таври ғайримуташаккил; бетартибонаву бенизомона.

**НОМУТТАСИЛ** نامتسل ғайримуттасил; номураттаб.

**НОМУТТАФИҚОНА** نامفقانه ғайримуттафиқона ба таври нотифоқ; ноаҳлона.

**НОМУТТАҲИД** نامتحد ғайримуттаҳид; мутаҳид нагардида.

**НОМУТТАҲИДӢ** نامتحدی ғайримуттаҳидӣ; муттаҳид набудан.

**НОМУФАССАЛ** نامفصل бидуни тафсил, бо пуррагӣ ифода наёфта; ба таври хуллас.

**НОМӮЪТАДИЛ** نامعتدل ғайримӯътадил; номусоид, носозгор: **обу ҳавои номӯътадил.**

**НОМҶӮӢ** نامجوی 1. номҷӯй будан; шӯҳратталабӣ. 2. *маҷ.* диловарӣ.

**НОМҶӮ(Й)** نامجوی 1. он ки толиби номи нек аст; шӯҳратталаб. 2. *маҷ.* диловар, шуҷоъ.

**НОН** نان 1. хӯроки асосии инсон, ки аз орд хамир карда мепазанд: **нони гандум, нони гарм, нони зағора, нони сафед, нони сиёҳ, нони тафтон, нони фатир, нони хонагӣ, нони хушк, нони ҷавин, нони ширмол; нон буридан, нон пухтан**, **нон пора кардан**, **нон шикастан** а) нонро пора кардан; б) *киноя аз* духтареро ба арӯсӣ номзад кардан. 2. *кит., маҷ.* хӯрок, ғизо; **нони муфт** ризқу рӯзии бе меҳнат ба даст омада; **нони ҳалол** а) ризқу рӯзии бо меҳнат ба даст омада; б) ноне, ки ба подабон барои чарондани чорпоён медиҳанд; **нону намаки** *касеро* **хӯрдан** аз хони неъмати касе баҳраманд шудан, аз хони касе ризқ дидан; ◊ **нону насиб** қисмат, насиба; **нони** *касе* **равғанӣ шудан** а) аз ҷое баҳравар шудани касе; б) ба серию пурӣ расидан (одатан аз даромади муфт); **нони** *касеро* **нимта кардан** ба ризқи касе шарик шудан, ба даромади касе ҳамроҳ шудан; **нонро пешпо задан** ношукрӣ кардан, ба қадри неъмате нарасидан; **нони даҳони** *касеро* **гирифтан** охирин воситаи зиндагии касеро аз худ кардан, ризқу рӯзии касеро даррабудан; **нони** *чизеро* **хӯрда тавонистан** қобилияту лаёқати бо коре рӯз гузарониданро доштан, аз паси касбу коре зиндагонӣ карда тавонистан; **нонро аз даҳани** *касе* **зада гирифтан** *ниг.* **нони даҳони** *касеро* **гирифтан; нонро ҳалол карда хӯрдан** аз ҳисоби меҳнати софдилона зиндагӣ кардан; **нону насиба бурида шудан** ризқу рӯзӣ канда шудан; аз ҷое, вазифае, даромад ё фоидае маҳрум гаштан; **нон хӯрда намакдон шикастан** *(мақ.)* кӯрнамакӣ кардан, ҳақношиносӣ кардан; **аз нону оби** *касе* **хабар гирифтан** ғамхорӣ кардан дар ҳаққи касе; ёрӣ расонидан ба шахси эҳтиёҷманд; **аз пушти коре** (*чизе*) **нон хӯрдан** рӯз гузарондан ба воситаи коре, таъмину маишат доштан аз шуғле.

**НОНАВИШТА** نانوشته 1. навиштанашуда. 2. он чи ки аз рӯи урфу одат мавҷуд ва ҷорист: **қоидаи нонавишта**.

**НОНАМОЁН** نانمایان аз назар пинҳон, ноаён, диданашаванда.

**НОНБАНДОН** نان‌بندان *гуфт.* аз тарафи зане соҳибэҳтиром бо нияти нек бастани аввалин нон ба танӯр дар нонпазӣ барои тӯйҳо.

**НОНБУРДА** نان‌برده бурдаи нон, пораи нон.

**НОНБУРӢ** نان‌بری *исми амал аз* **нон буридан**; нон реза кардан.

**НОНВО(Й)** نانوای он ки касб ва шуғли ӯ нон пухта фурӯхтан аст, пазандаву фурӯшандаи нон, хаббоз.

**НОНВОӢ** نانوائی касб ва шуғли нонвой, нонпазӣ ва нонфурӯшӣ.

**НОНВОЙХОНА** نانوای‌خانه ҷои пухтан ва фурӯхтани нон; ҷои нонпазӣ.

**НОНГАДОӢ** نان‌گدای нон гадоӣ кардан; нонталабӣ; мӯҳтоҷӣ ба нон.

**НОНДИҲАНДА** نان‌دهنده 1. *сифати феълии замони ҳозира* аз **нон додан**. 2. ба нон таъминкунанда, ризқдиҳанда ба касе; хӯронанда.

**НОНДОН** نان‌دان сандуқ ё қуттии нигаҳдории нон; **нон дар нондон, калидаш дар осмон** (*зарб.*).

**НОНИШТА** ناشتا ғизое, ки дар аввали пагоҳ мехӯранд, ношто, субҳона; **ноништа кардан** наҳорӣ хӯрдан.

**НОНӢ** نانی *мансуб ба* **нон**; ◊ **дӯсти нонӣ** *маҷ.* он ки барои суди шахсӣ бо касе дӯстӣ мекунад; дӯсти миёнкор; *муқоб.* **дӯсти ҷонӣ**.

**НОНКАШОНӢ** نان‌کشانی нон кашондан; **аробаи нонкашонӣ** ароба барои аз ҷое ба ҷое кашондани нон.

**НОНМАЙДА** نان‌میده *ниг.* **нонреза**.

**НОНПАЗ** نان‌پز он ки нон мепазад; нонвой.

**НОНПАЗӢ** نان‌پزی 1. *исми амал аз* **нон пухтан.** 2. ҷое, ки дар он нон мепазанд: **корхонаи нонпазӣ**.

**НОНПАР**نانپر дастаи ба ҳам бастаи пар ё олати чӯбини мӯҳрашакли мехчакӯб, ки нонвоён онро ба рӯи заволаи росткардаи нон мезананд, то ки нон ҳангоми пухтан надамад ва рӯяш зебо бошад.

**НОНРЕЗА** نانریزه резаи нон; бурдаҳои майдаи нон.

**НОНРОСТКУНӢ** نانراستکنی заволаи нонро паҳн карда онро барои часпондан ба танӯр омода намудан.

**НОНТАЛАБ** نانطلب 1. нонҷӯй, нонхоҳ, ҷӯяндаи ризқу рӯзӣ. 2. гадо.

**НОНФУРӮШ** نانفروش фурӯшандаи нон.

**НОНФУРӮШӢ** نانفروشی фурӯши нон; шуғли нонфурӯш: **дӯкони нонфурӯшӣ**.

**НОНХАЛТА** نانخلته халта барои нигоҳ доштани нон; халтаи нони подабон *ва г.*

**НОНХОНА** نانخانه ҷое, ки дар тӯй ва меҳмондориҳои калон нонро он ҷо нигоҳ медоранд.

**НОНХОҲ** نانخواه хоҳандаи нон; гадо, талбандаи нон.

**НОНХӮР** نانخور он ки нони дигареро мехӯрад; узв ё аъзои оила, ки дар таъминоти волид ё волидайн ҳастанд.

**НОНХӮРАК** I نانخورک *кҳн.* вақти барои хӯрокхӯрӣ дарсро қатъ кардани шогирдон дар мактаб ва коргарон ҳангоми кор.

**НОНХӮРАК** II نانخورک *зоол.* як навъ ҳашароте, ки дар хонаҳои истиқоматӣ ва биноҳои гарм зиндагонӣ мекунанд.

**НОНХӮРИШ** نانخورش ҳар чизи сард (*аз қабили* гӯшти яхнӣ, панир, ширинӣ, ҷурғоту қаймоқ), ки бо нон мехӯранд.

**НОНХӮРӢ** نانخوری нон хӯрдан; хӯрокхӯрӣ, таомхӯрӣ.

**НОНЧАСПОНӢ** نانچسپانی нон часпондан ба танӯр, нон бастан.

**НОНҶӮ(Й)** نانجوی *ниг.* **нонталаб**.

**НОНШИКАНОН**نانشکنان маъракаи рамзан нон шикастан ва зиёфате оростани духтардорон барои эълони номзадии арӯсшаванда ба тарафи домод: **ноншиканон кардан**.

**НООБОД** ناآباد ғайримаъмур, номаъмур, ҷои obод карданашуда; *муқоб.* **ободон**.

**НООГАҲ** ناآگه *ниг.* **ноогоҳ**.

**НООГАҲӢ** ناآگهی *ниг.* **ноогоҳӣ**.

**НООГОҲ** ناآگاه бехабар, беиттиллоъ воқифнабуда; бетаҷриба дар коре.

**НООГОҲӢ** ناآگاهی бехабарӣ, беиттиллоӣ, новоқифӣ.

**НООГОҲОНА** ناآگاهانه 1. бехабарона, новоқифона. 2. надониста; ғофилона; ногоҳ.

**НООДАМ** ناآدم *ниг.* **нокас**.

**НООДАМГАРӢ** ناآدمگری одамгарӣ надоштан, аз хислатҳои одамӣ дур будан, одамият надоштан.

**НООДАМӢ** ناآدمی *ниг.* **нокасӣ**.

**НООЗМУД(А)** ناآزمود(ه) 1. озмуданашуда, имтиҳоннакарда: **таҷҳизоти ноозмуда.** 2. бетаҷриба, таҷрибанадида.

**НООЗМУДАГӢ** ناآزمودگی *ниг.* **ноомузда**.

**НООЗМУДАКОР** ناآزموکار бетаҷриба, таҷрибанодида.

**НООЗМУДАКОРӢ** ناآزمودکاری бетаҷрибагӣ, таҷриба надоштан.

**НООМАД** ناآمد **:ноомади кор** барор нагирифтани кор, пеш нарафтани кор ё рӯй додани ягон ҳодисаи ғайриинтизорӣ, вазъияти душвор; **дар ноомади кор** вақте ки кор барор намекунад; вақте ки толеъ мадад намекунад.

**НООМӮХТА** ناآموخته 1. таълимнагирифта, ёднагирифта; машқнадида. 2. омӯхтанашуда, одатнакарда.

**НООРОМ** ناآرام 1. он ки орому қарор надорад, нороҳат, нотинҷ. 2. пуртуғён, пурталотум: **рӯди ноором; ноором кардан (намудан)** нороҳат кардан, пурташвиш гардонидан; **ноором шудан** беқарор шудан нороҳат гаштан, ба ташвиш афтодан; нотинҷ шудан. 3. беқарор, шӯх; бетоқат: **бачаи ноором**.

**НООРОМӢ** ناآرامی орому қарор надош тан; беқарорӣ; нотинҷӣ,

**НООСУДА** ناآسوده ноором, нотинҷ; пурташвиш.

**НООСУДАГӢ** ناآسودگی ноорoмӣ, нотинҷӣ;

пурташвишӣ.

**НООШНО** ناآشنا ношинос, бегона.

**НООШНОӢ** ناآشنای ношиносӣ, бегонагӣ.

**НОПАДИД** ناپدید нонамоён, пинҳон, диданашаванда, нопайдо; **нопадид гардидан (гаштан, шудан)** ғоиб шудан, нонамоён шудан.

**НОПАЗИР** ناپذیر 1. қабулнашаванда. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* қабулнакунанда ва ғайри қобили қабул: **баҳснопазир, оштинопазир**.

**НОПАЙВАСТ(А)** ناپیوسته 1. пайвастнашуда, ба ҳам нобаста; берабт. 2. ҷудо-ҷудо, канда-канда, гусаста.

**НОПАЙВАСТАГӢ** ناپیوسته‌گی 1. нопайвандӣ, ба ҳам вобаста нашуда; берабтӣ. 2. ҷудо-ҷудо, канда-канда будан, гусастагӣ.

**НОПАЙДО** ناپیدا диданашаванда, нопадид; нонамоён, ниҳон.

**НОПАЙДОКАНОР**ناپیداکنار ҳудудаш нонамоён, беканор, беинтиҳо, беохир, бепоён: **осмони нопайдоканор, нопайдоканор будан**.

**НОПИДРОМ** ناپدرام *кит.* ноорам, нохуш, бад, ғайри маъқул, дилночасп.

**НОПИСАНД** ناپسند он чи мақбул ва писандида нест, номақбул; **ноисанд омадан** бад воқеъ шудан; бад намудан.

**НОПИСАНДӢ** ناپسندی мавриди писанд қарор нагирифтан; номақбулӣ; назарногирӣ, беэътиноӣ.

**НОПИСАНДОНА** ناپسندانه писанд накарда; беэътиноёна, беэътиборона; назарногирона.

**НОПОЙДОР** ناپایدار ноустувор; бедавом, напоянда, бебақо, фонӣ.

**НОПОЙДОРӢ** ناپایداری ноустуворӣ, нопояндагӣ, бебақоӣ.

**НОПОК** ناپاک 1. олуда, мурдор, палид. 2. *маҷ.* бадкор, бадкирдор, нобакор, нокас: **одами нопок**.

**НОПОКДОМАН** ناپاک‌دامن беисмат, беиффат; нопарҳезгор, фосиқ.

**НОПОКИЗАКОР** ناپاکزه‌کار кораш нопокиза, кораш пурайбу нуқсон, *муқоб.* **ҳалолкор.**

**НОПОКӢ** ناپاکی олудагӣ, чиркинӣ.

**НОПУРРА** ناپره пурнабуда, пурнашуда; нокомил; ба дараҷаи пурра нарасида; **мактаби миёнаи нопурра, таҳсилоти олии нопурра**.

**НОПУРСИДА** ناپرسیده пурсиданашуда; беиҷозат, берухсат.

**НОПУХТА** ناپخته 1. хом; нарасида. 2. *маҷ.* одами бетаҷриба, ноозмудакор: **ҷавони нопухта**.

**НОР** I نار 1. *мухаффафи* **анор**; **гули нор** а) гули анор; б) *маҷ.* гули сурх. 2. доғи сурхе, ки дар рӯи инсон пайдо мешавад.

**НОР** II *а.* نار оташ.

**НОРА** ناره забонаи тарозу; санги каппон, санги тарозуи калон.

**НОРАВО** ناروا ношоиста, ҷоизнабуда.

**НОРАВОН** ناروان 1. истода, ҷорӣ нашаванда: **оби норавон.** 2. *кит.* ҳар чизе ки мавриди истифодаи бояду шояд надорад (*махсусан пул*), нороиҷ.

**НОРАВШАН** ناروشن 1. бенур, номунаввар, хира. 2. нофаҳмо, номафҳум; ғайри возеҳ: **сухани норавшан, маънии норавшан**.

**НОРАВШАНӢ** ناروشنی 1. камнурӣ, хирагӣ. 2. номафҳумӣ; номуайянӣ, номаълумӣ.

**НОРАНГ** *ҳ.* نارنگ *ниг.* **норанҷ//норинҷ**.

**НОРАНҶ//НОРИНҶ** نارنج [*муарраби* **норанг**] навъе аз афлесун, ки пӯсташ зарди сурхранг аст.

**НОРАНҶӢ//НОРИНҶӢ** نارنجی ба ранги норанҷ, зарди сурхчатоб.

**НОРАС** نارس 1. нарасида, напухта, хом: **меваи норас**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* нарасандагӣ ва намерасидагӣ: **ақлнорас, дастнорас**.

**НОРАСИДА** نارسیده 1. нопухта, хом. 2. новолиғ, ба вояи нарасида. **ҷавони норасида**.

**НОРАСО** نارسا 1. нокомил, нопурра; *муқоб.* **комил: асари норасо, ақли норасо.** 2. кӯтоҳ, паст: **қади норасо**.

**НОРАСОӢ** نارسای 1. камбуд, камомад; нопуррагӣ. 2. камбудӣ, ноқисӣ, нуқсон.

**НОРБОН**ناربان *ниг.* **нардбон**.

**НОРВАН** نارون *кит.* сада, гуҷум.

**НОРВЕГ** نارویگ номи халқе, ки аҳолии асосии Норвегияро ташкил медиҳад: **норвегҳо.**

**НОРВЕГӢ** نارویگی *мансуб ба* **Норвегия** (*давлате дар Аврупои Шимолӣ*); **забони норвегӣ** забони аҳолии Норвегия.

**НОРГИЛ** نارگیل *бот.* дарахти чормағзи ҳиндӣ, ки ба дарахти хурмо монанд аст; меваи ин дарахт гирду калон буда, пӯчоқи ғафсе дорад ва дар даруни он обе ҳаст, ки мисли шир ва ширин аст, норҷил, ҷавзи ҳиндӣ (кокос).

**НОРГУЛ** نارگل гули анор.

**НОРДБОН** ناردبان *ниг.* **нардбон**.

**НОРДОН** I ناردان ширини туршмаза; **анори нордон, себи нордон**.

**НОРДОН** II ناردان *кит.* оташдон.

**НОРДОНА** نارданه 1. донаи анор. 2. *киноя аз* лаби маъшуқа.

**НОРИЗО** نارضا норозӣ, ғайриқонеъ, ноқаноатманд; эътирозманд.

**НОРИЗОГӢ** نارضاگی норозигӣ, розӣ ва қонеъ набудан аз касе ё чизе: **норизогӣ кардан**, **норизогӣ изҳор кардан**.

**НОРИЗОЁНА** نارضایانه бо норозигӣ, дар ҳолати норозӣ будан: **норизоёна нигоҳ кардан**.

**НОРИЗОӢ** نارضای *ниг.* **норизогӣ: изҳори норизоӣ кардан**.

**НОРИН** نارین *хӯр.* як навъ таоми аз гӯшту угро ё туппа пухта.

**НОРИНҶ** نارنج *ниг.* **норанҷ**.

**НОРИНҶӢ** نارنجی *ниг.* **норанҷӣ**.

**НОРМАТИВ** *лот.* نارماتیو меъёри муайяни истеҳсол, миқдори истифодаи мавод, сарфи маблағ *ва г.,* ки мувофиқи он кор бурда мешавад.

**НОРОЗИГӢ** ناراضیگی *ниг.* **норизогӣ**.

**НОРОЗИЁНА** ناراضیانه*ниг.* **норизоёна**.

**НОРОЗӢ** ناراضی 1. *ниг.* **норизо.** 2. мухолиф, муқобил; **норозӣ шудан** розӣ ва мувофиқ набудан аз коре.

**НОРОМ** نارام ромнашуда, (ба саворӣ) одатнакарда; **аспи нороми беором**.

**НОРОСТ** ناراست ғайри рост, каҷ.

**НОРОҲАТ** ناراحت 1. он чи дар он роҳату осоиш нест; нобоб; заҳмату ташвишовар: **ҷои нороҳат**, **либоси нороҳат**. 2. нотинҷ, ноором; **нороҳат кардан** безобита кардан, ташвиш додан; **нороҳат шудан** безобита шудан, нотинҷ гаштан.

**НОРОҲАТӢ** ناراحتی 1. безобитагӣ, ташвиш. 2. нотинҷӣ, ноором.

**НОРПИСТОН** نارپستان дорои пистони мисли анор дамида ва гирд, пистони анормонанд.

**НОРПӮСТ** نارپوست пӯсти анор, пӯчоқи хушки анор.

**НОРӮФТА** ناروفته ҷорӯбназада; рӯбучин накарда: **хонаи норӯфта**.

**НОРҶИЛ** *а.* نارجل *муарраби* **норгил**.

**НОС** I ناس тамокуи кӯфтаи бо оҳак, хокистар ва равғани зағир *ва г.* омехта ва соидашудаи кайфовар, ки ба зери забон гирифта боз мепартоянд; носвор; **нос кашидан** нос истеъмол кардан.

**НОС** II *а.* ناس *кит.* одам, инсон; мардум, халқ; **дар афвоҳи нос** дар даҳони халқ, дар гуфтугӯи мардум.

**НОСАБУР** ناصبور бесабр, бетоқат.

**НОСАБУРӢ** ناصبوری бесабрӣ, бетоқатӣ.

**НОСАВОБ** I ناصواب 1. нодуруст, нохуб. 2. нописандида, номақбул, номаъқул.

**НОСАВОБ** II ناثواب **:амали носавоб** *д.* кори хато, амали зишт, ки Худо намебахшад.

**НОСАЗО**ناسزا 1. нолоиқ, ношоиста, номуносиб; **рафтори носазо.** 2. гапи бад, сухани зишт, дашном, ҳақорат**; носазо гуфтан** ҳарфи бад гуфтан; ҳақорат кардан;

**НОСАЗОГӮ(Й)** (ناسزاگو(ی 1. беҳудагӯ, баддаҳон. 2. ҳақораткунанда, дашномдиҳанда.

**НОСАЗОГӮӢ** ناسزاگوئی 1. бадзабонӣ; гапи ношоиста гуфтан. 2. ҳақорат кардан, дашномдиҳӣ.

**НОСАРА** ناسره қалб, сақат; нософ (*оид ба* пули тиллову нуқра ва худи тилло).

**НОСАРЕҲ** ناصریح норавшан, ғайри возеҳ, аз сароҳат дур; номафҳум.

**НОСАРЕҲӢ** ناصریحی норавшанӣ, вазеҳ набудан; номафҳумӣ.

**НОСАҲЕҲ** ناصحیح нодуруст; ғалат; норавшан, ғайри дақиқ.

**НОСАҲЕҲӢ** ناصحیحی нодурустӣ; ноаниқӣ.

**НОСДОН** ناسدان зарф барои нос аз қабили носкаду, носшиша.

**НОСЕР** ناسیر сернашуда; гурусна.

**НОСЕРАМ** ناسیرم *гуфт.* 1. пурхӯр, баднафс. 2. сернашаванда; гурусначашм.

**НОСЕРАМӢ** ناسیرمی 1. пурхӯрӣ, баднафсӣ. 2. гурусначашмӣ.

**НОСЕРӢ** ناسیری 1. сернашуданӣ, сер нашавандагӣ; **хӯроки носерӣ** хӯроки сернакунанда; хӯроки андак. 2. гуруснагӣ; нимгуруснагӣ.

**НОСЕРОНА** ناسیرانه баднафсона; гурусначашмона.

**НОСЕҲ** ناصیح насиҳатгар, пандддиҳанда.

**НОСЕҲӢ** ناصیحی насиҳатгарӣ, панддиҳӣ.

**НОСЕҲОНА** ناصیحانه насиҳатгарона, насиҳатгӯёна.

**НОСИПОС** ناسپاس ношукр кӯрнамак, ҳақношинос.

**НОСИПОСӢ** ناسپاسی ношукрӣ, кӯрнамакӣ, ҳақношиносӣ.

**НОСИР** I *а.* ناثر насрнавис, нависанда.

**НОСИР** II *а.* ناصر нусратдиҳанда, ёридиҳанда, мададгор.

**НОСИТУДА** ناستوده *ниг.* **носутуда.**

**НОСИХ** I *а.* ناسخ *кҳн.* порчаи абрешимини зарбофт ё нуқрабофт.

**НОСИХ** II *а.* ناسخ *кит.* 1. лағвкунанда, бекоркунанда (-и ҳукми собиқ), бекоркунандаи ҳуҷҷати пештара. 2. нусхабардор, нависанда, котиб.

**НОСИҲАТ** ناصحت бемор, касал, носолим.

**НОСӢ** I *а.* ناسی *кит.* фаромӯшкунанда, фаромӯшкор; фаромӯшхотир.

**НОСӢ** II ناسی 1. ҳамранги нос, сабзи тира (*оид ба* ранг). 2. мӯътод ба нос,носкаши гузаро.

**НОСКАДУ** ناس‌کدو носдоне, ки аз чӯбкаду месозанд.

**НОСКАШ** ناس‌کش он ки нос мекашад, истеъмолкунандаи нос.

**НОСКАШӢ** ناس‌کشی 1. *исми амал аз* **нос кашидан**. 2. носкаш будан; одати носкаш.

**НОСОЗ** ناساز 1. номувофиқ, нобоб, номақбул; хилофи табъ. 2. ноқулай, нороҳат: **худро носоз ҳис кардан; носоз будан** а) мувофиқ набудан; б) соз набудан, муносибати хуб надоштан(бо касе). 3. ноҳамоҳанг, номавзун, ноҷӯр.

**НОСОЗГОР** ناسازگار 1. номувофиқ, мувофиқатнакунанда; мухолиф. 2. ноҳамоҳанг, номавзун, ноҷӯр; ◊ **бахти носозгор** бахти бад; бетолеъӣ.

**НОСОЗГОРӢ** ناسازگاری носозгор будан; номувофиқатӣ, мухолифат, носозӣ.

**НОСОЗГОРОНА** ناسازگارانه носозона, номувофиқона, мухолифона.

**НОСОЗӢ** ناسازی 1. номувофиқӣ; нобобӣ, бадӣ. 2. бадии муносибат, вайронии муносибат; мухолифат.

**НОСОЛИМ** ناسالم 1. носиҳат, бемор, касалманд. 2. номусоид; нохуш, бад: **обу ҳавои носолим, вазъияти носолим**.

**НОСОЛИМӢ** ناسالمی 1. носиҳатӣ, беморӣ, маризӣ. 2. номусоидӣ; бадӣ: **носолимии вазъият**.

**НОСРАНГ** ناس‌رنگ *ниг.* **носӣ** II, 1.

**НОСУР** *а.* ناسور//ناصور *кит.* реше, ки ҳамеша аз он фасод меравад, реши равон, захми илоҷнопазир, захми кӯҳна.

**НОСУТ** *а.* ناسوت *кит.* 1. *д.* олами моддӣ, дунё, ин ҷаҳон. 2. *маҷ.* инсонӣ, одамӣ; *муқоб.* **лоҳут**.

**НОСУТУДА//НОСИТУДА** ناستوده *кит.* 1. нописандида, номаъқул: **рафтори носутуда.** 2. бадкор, бадамал.

**НОСУФТА** ناسفته 1. сӯрохнашуда, 2. *маҷ.* беайбу нуқсон; **дурри носуфта** а) дурру гавҳари сайқалнаёфта; б) *кин.* сухани бикр, сухани то-

за.

**НОСФУРӮШ** ناس‌فروش он ки нос мефурӯшад, фурӯшандаи нос.

**НОСФУРӮШӢ** ناس‌فروشی фурӯши нос; шуғли носфурӯш.

**НОСӮЗ** ناسوز насӯзанда; оташбардор: **сандуқи носӯз.**

**НОТА** I *лот.* ناته *мус.* аломатҳои хаттии махсус, ки ба воситаи онҳо овозҳои мусиқиро нишон медиҳанд: **ба нота гирифтан (гузарондан**).

**НОТА** II *лот.* ناته *ниг.* **эътирознома**.

**НОТАВОН** ناتوان 1. суст, заиф, беқувват, бекудрат; оҷиз; *муқоб.* **тавоно**: **пири нотавон**; **тани нотавон** тани дардманд. 2. камбағал, фақир, нодор; *муқоб.* **тавонгар**.

**НОТАВОНБИН** ناتوان‌بین ҳасадбаранда, беҳбудии касеро нахоҳанда, муваффақияти касеро дида натавонанда.

**НОТАВОНБИНӢ** ناتوان‌بینی ҳасадбарӣ, беҳбудии касеро дида натавонистан.

**НОТАВОНӢ** ناتوانی 1. заифӣ, камқувватӣ, бемадорӣ. 2. нодорӣ, камбағалӣ бечорагӣ.

**НОТАВОНОӢ** ناتوانائی *ниг.* **нотавонӣ**.

**НОТАЙЁР** ناتیار буднашуда, нотамом.

**НОТАМОМ** ناتمام 1. итмомнаёфта, анҷомнаёфта, ба итмом нарасида; ғайри комил. 2. ба охир нарасонда ба поён нарасонда; **нотамом-нотамом** канда-канда, бо фосила; нимғурма; **нотамом мондан** буд нашуда мондан, ба анҷом нарасида мондан.

**НОТАНТЕ** ناتنتی *гуфт.* он ки ба ҳеҷ чиз тан дарнамедиҳад; он ки ба ҳақ тан намедиҳад; *муқоб.* **яққавл**.

**НОТАРИАЛӢ** ناتریالی *мансуб ба* **нотариат**; идораи нотариус; **идораи давлатии нотариалии шаҳр**; **ҳуҷҷати нотариалӣ** ҳуҷҷати дар идораи нотариус сабт ва тасдиқшуда.

**НОТАРИАТ** *лот.* ناتریات сохтори идораҳои ба расмият дароварандаи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ: **нотариати давлатӣ**.

**НОТАРИУС** *лот.* ناتریوس хизматчии нотариат, ки ҳуҷҷатҳои ҳуқуқиро сабт, тасдиқ ва ба расмият медарорад.

**НОТАРОШИДА** ناتراشیده 1. (мӯяш) тарошиданашуда; мӯяшрасида. 2. носуфта, ноҳамвор. 3. *маҷ.* одами дағал, бадмуомила; беодоб.

**НОТАРС** ناترس 1. натарсанда; ҷасур, далер, бебок. 2. натарсида, наҳаросида; далерона, ҷасурона.

**НОТАРСӢ** ناترسی далерӣ, шуҷоат, ҷасорат.

**НОТАРСОНА** ناترسانه наҳаросида; ҷасурона, бебокона.

**НОТИҚ** *а.* ناطق 1. гӯянда, сухангӯй, гапзанандаи моҳир; **ҳайвони нотиқ** инсон, ки қобилияти нутқ (гап задан) дорад; 2. нутқкунанда, маърӯзагар.

**НОТИҚА** ناطقه 1. *муаннаси* **нотиқ**. 2. қобилияти нутқ, қувваи сухангӯӣ.

**НОТИҚӢ** ناطقی 1. нотиқ будан; сухангӯӣ, суханронӣ. 2. гапдонӣ, сухандонӣ.

**НОТИНҶ** ناتنج ноором, ноосоишта; пурташвиш; **нотинҷ шудан** пурташвиш гаштан.

**НОТИНҶӢ** ناتنجی ноороми, беосоиштагӣ; пурташвишӣ.

**НОТИФОҚ** ناتفاق *ниг.* **ноиттифоқ**.

**НОТИФОҚӢ** ناتفاقی *ниг.* **ноиттифоқӣ**.

**НОТОБ** ناتاب 1. носиҳат, бемор, касал: **нотоб шудан**. 2. заиф, бемадор.

**НОТОБӢ** ناتابی носиҳатӣ, беморӣ, касалӣ.

**НОУМЕД** ناامید 1. умеду орзуяш бар бод рафта, навмед, маъюс; *муқоб.* **умедвор; ноумед гаштан(шудан)** умедро кандан, маъюс шудан; **ноумед кардан** касеро маъюс гардонидан. 2. бечора, ба мурод нарасида, *ба таври навозиш* берӯзӣ.

**НОУМЕДӢ** ناامیدی маъюсӣ, аз даст додани умед, бар бод рафтани орзӯ; **ба ноумедӣ афтодан(гирифтор шудан**) маъюс шудан, умедро аз даст додан; **ба ноумедӣ андохтан** маъюс гардонидан, ноумед сохтан.

**НОУМЕДОНА** ناامیدانه бо ноумедӣ, навмедона, маъюсона.

**НОУСТУВОР** نااستوار 1. номустаҳкам, суст, бебунёд. 2. бесубот, калаванда: **одами ноустувор**.

**НОУСТУВОРӢ** نااستواری ноустувор будан, мустаҳкам ва устувор набудан; субот надоштан: **ноустувории вазъият; ноустувории ҳаракат**.

**НОУСТУВОРОНА** نااستوارانه бо ноустуворӣ.

**НОӮҲДАБАРОЁНА** ناعهده‌برایانه белаёқатона, беқобилиятона.

**НОӮҲДАБАРОӢ** ناعهده‌برائی 1. белаёқатӣ, беқобилиятӣ, корношоямӣ, корнодонӣ. 2. нотавонӣ, бедаступоӣ.

**НОФ** ناف 1. чуқурчаи миёни шиками одам, ки мунтаҳои рӯда аст ва вақти зоида шудани бача онро мебуранд; **нофаш дар фалон ҷой бурида шудааст** *кин.* дар фалон ҷой зоида шудааст; **хуни нофи ман дар ин ҷо рехтааст** *кин.* зодгоҳи ман ин ҷост. 2. *маҷ.* миёни ҳар чиз; **нофи шаб** миёни шаб, нисфи шаб.

**НОФА** نافه 1. нофи оҳуи мушкин. 2. моддае, ки дар халтачаи зери нофи оҳуи мушкин ҷамъ мешавад ва хеле хушбӯй аст.

**НОФАРМОН** نافرمان саркаш, итоатнакунанда.

**НОФАРМОНБАРДОР** نافرمانبردار итоатнакунанда, саркаш, осӣ.

**НОФАРМОНБАРДОРӢ** نافرمانبرداری саркашӣ, исёнгарӣ.

**НОФАРМОНӢ** نافرمانی нофармон будан, саркашӣ, итоатнакунандагӣ.

**НОФАРРУХ** نافرخ *кит.* безеб, зиштрӯ.

**НОФАРРУХАХТАР** نافرخ‌اختر *кит.* бадбахт, бетолеъ, манҳус.

**НОФАРҶОМ** نافرجام *кит.* 1. бефоида, беҳуда, коре, ки оқибаташ нек нест, бадфарҷом. 2. бенатиҷа, **бахти нофарҷом** толеи бад, бахти бад.

**НОФАРҶОМӢ** نافرجامی *кит.* 1. бенатиҷагӣ, бефоидагӣ, беҳудагӣ. 2. бадфарҷомӣ.

**НОФАҲМ** نافهم *ниг.* **бефаҳм**.

**НОФАҲМИДА** نافهمیده надониста, сарфаҳм нарафта.

**НОФАҲМӢ** نافهمی нодонӣ, надонистан; огоҳ набудан, бехабарӣ; **худро ба нофаҳмӣ андохтан (задан)** худро нофаҳмида нишон додан; худро бехабар вонамуд кардан.

**НОФАҲМО** نافهما номафҳум; душворфаҳм.

**НОФЕЪ** *а.* نافع фоиданок, манфиатнок, судманд.

**НОФИЗ** *а.* نافذ *кит.* 1. нуфузкунанда, фурӯраванда. 2. раво, ҷоришаванда: **амри нофиз, ҳукми нофиз.**

**НОФИЛА** *а.* نافله *кит.* 1. бахшиш, атийя. 2. *д.* ибодате, ки анҷом додани он воҷиб нест: **намози нофила**.

**НОФИР** *а.* نافر *кит.* нафраткунанда; раманда, тарсанда.

**НОФОРАМ** نافارم 1. нохуш, ноҳинҷор. 2. ногувор, бемаза, дилнокаш, бадхӯр: **хӯроки нофорам.**

**НОХАЛАФ** ناخلف 1. фарзанди ноқобил, фарзанди нолоиқи падар, падарбезор. 2. *таҳқ.* одами нобакор, бадкирдор, бадахлоқ.

**НОХИРАДМАНД** ناخردمند нодон, беақл.

**НОХИРАДМАНДОНА** ناخردمندانه беақлона; аз рӯи нодонӣ.

**НОХОНДА** ناخوانده 1. таҳсилнодида, бесавод. 2. даъватнашуда, ногуфт, таклифнашуда: **меҳмони нохонда**.

**НОХОНО** ناخوانا хонданаш душвор, душворхон, бадхон: **хати нохоно**.

**НОХОСТ** ناخواست 1. ғайримунтазир, ғайричашмдошт; баногоҳ, ногаҳон; тасодуфан. 2. маълум накарда, бехабар; ба таври ногаҳонӣ; **нохост ҳуҷум кардан** ғафлатан ҳуҷум овардан.

**НОХОТИРҶАМЪ** ناخاطرجمع 1. хотирошуфта, нотинҷ; мушаввашхотир. 2. хавфнок, пурхатар.

**НОХОТИРҶАМЪӢ** ناخاطرجمعی 1. хотирҷамъ набудан, хотирошуфтагӣ, нотинҷӣ. 2. хавфнокӣ, пурхатарӣ.

**НОХОҲ** ناخواه бар хилофи хоҳиш ва майл; **хоҳу нохоҳ** аз ду сар; бегуфтугӯ; хоҳӣ нахоҳӣ.

**НОХОҲАМ** ناخواهم нахоҳанда; бемайл, бехоҳиш; **бо дили нохоҳам;** бе хоҳишу майл; **дили нохоҳам-узри бисёр** (*зарб.*) агар одам майлу ҳаваси иҷрои коре надошта бошад, баҳонаҳои зиёде меорад.

**НОХУБ ناخوب** номувофиқ; бад, зишт.

**НОХУДО I ناخدا** бехудо, бедин.

**НОХУДО II ناخدا** киштибон, киштирон.

**НОХУН ناخون** моддаи шохӣ, ки нӯги ангуштони дасту пои инсон ва ҷонваронро мепӯшонад; **аз нохуни пой то мӯи сар** сар то пои бадан; **монанди (чун) гӯшту нохун** хеле зич ва ногусастанӣ (*мас., муҳаббати инсон ба ватан*); **нӯги нохун барин** а) заррае андаке; б) ҳеҷ. **нохун гирифтан** кӯтоҳ кардани нохунҳои дарозшуда бо нохунгирак *ва г.*; **нохун задан** ба воситаи нохун харошидани чизе; нохун расонидан ба чизе (*мас., ба тор барои навохтан*); **аз мағзи(зери) нохун чирк кофтан** айбҷӯӣ кардан, камбудии касеро ҷустан (*қасдан, боғаразона*); **бо нохуну дандон ҷангидан** то дами охирин ҷангидан; ◊ **нохуни обдор** панҷаҳои пурҳунар (*дар навохтани созҳои торӣ*).

**НОХУНА ناخونه** *кит.., тиб.* пардаи гӯштмонанди сафедранг, ки дар гӯшаи чашм аз тарафи бинӣ пайдо мешавад ва агар табобат накунанд, боиси хира шудани мардумаки чашм мегардад.

**НОХУНАК ناخونک** 1. *ниг.* **мизроб**. 2. *грам.* аломатест, ки барои фарқ кунонидани матн, ҷумла ё калимаи ба таври иқтибос овардашуда аз ду тарафаш гузошта мешавад: **ба нохунак гирифтан**.

**НОХУНГИРАК ناخونگیرک** асбобчаи махсус ки бо он нохун мегиранд.

**НОХУНДАРОЗ ناخوندراز** он ки ва он чи нохунаш дароз шудааст.

**НОХУНОРОӢ ناخونآرائی** ороиши нохун дар толори ҳусн.

**НОХУНПЕРО(Й) ناخونپیرای** *кит.* 1. нохунгирак; қайчии хурди нохунгирӣ. 2. сартарош.

**НОХУНХӮРАК ناخونخورک** *тиб.* бемории зери нохуни ангушт.

**НОХУШ ناخوش** 1. ғамгин, ношод. 2. бадҳол, нотоб, бемор: **нохуш шудан**. 3. бад, нохуб: **кори нохуш, бо назари нохуш нигоҳ кардан; хабари нохуш** хабари хафагиовар, хабари андӯҳовар, хабари хуш.

**НОХУШӢ ناخوشی** 1. хафагӣ, ғамгинӣ. 2. беморӣ, носиҳатӣ, нотобӣ.

**НОХУШНУД ناخوشنود** 1. хафа, ғамгин, маҳзун. 2. норизо, норозӣ; **нохушнуд шудан** норозӣ шудан, хафа шудан.

**НОХУШНУДӢ ناخوشنودی** 1. ғамгинӣ, хафагӣ. 2. норозигӣ, норизоӣ.

**НОХУШНУДОНА ناخوشنودانه** бо нохушнудӣ, маҳзунона; норозиёна.

**НОХӮРДАНӢ ناخوردنی** 1. *шакли инкории сифати феълии замони оянда аз* **хӯрдан**. 2. ғайри қобили хӯрдан, ба хӯрдан номувофиқ: **алафи нохӯрданӣ**.

**НОҲАҚ ناحق** норост, нодуруст; бардурӯғ; ғайриодилона; **тӯҳмати ноҳақ**; **хуни ноҳақ** хуни одами бегуноҳ; **ба ноҳақ** бе ҳеҷ айбу гуноҳ, бе ҳеҷ далел; **ба ҳаққу ноҳақ** хоҳ ҳақ бошаду хоҳ ноҳақ; бе исботи гуноҳ.

**НОҲАҚӢ//НОҲАҚҚӢ ناحقی** норостӣ, нодурустӣ; бардурӯғӣ; ғайриодилонагӣ.

**НОҲАҚОНА//НОҲАҚҚОНА ناحقانه** 1. ба таври ноҳақ, нодуруст; **ҷазои ноҳақона** ҷазои ноодилона

**НОҲАҚШИНОС ناحقشناس** *кит.* кӯрнамак, носипос, бевафо.

**НОҲАМВОР ناهموار** 1. номусаттаҳ, нотахт; пурнишебу фароз, пасту баланд: **роҳи ноҳамвор**. 2. номавзун; на ба як қарор.

**НОҲАМВОРӢ ناهمواری** пастиву баландӣ, пурнишебу фароз будан, номусаттаҳӣ: **ноҳамвории роҳ**.

**НОҲАМОЛ ناهمال** *кит.* беназир, беҳамто, бемислу монанд.

**НОҲАМУЛӢ ناحمولی** *кит.* бесабрӣ, бетоқатӣ.

**НОҲИБ** *а.* **ناهب** гиранда, рабоянда; ғораткунанда, ғоратгар.

**НОҲИД ناهد** *нуҷ.* ситораи Зӯҳра.

**НОҲИНҶОР ناهنجار** 1. номуносиб; номақбул, зишт. 2. ногувор, номатбӯъ, нофорам: **вазъияти ноҳинҷор**. 3. нобоб, дурушт: **бори ноҳинҷор**.

**НОҲИНҶОРӢ ناهنجاری** 1. номувофиқӣ, носозгорӣ. 2. ногуворӣ, нофорамӣ.

**НОҲИЯ I** *а.* **ناحیه** 1. қисме аз як сарзамин, гӯшае

аз мамлакат. 2. мамлакат, кишвар, минтақа. 3. *нав.* воҳиди маъмурию марзӣ дар ҳайати вилоят ё шаҳрҳои калон, район: **ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ноҳияҳои шаҳри Душанбе**.

**НОҲИЯ** II *а.* ناهیه *кит.* 1. *муаннаси* ноҳӣ. 2. манъ; манъи қатъӣ.

**НОҲИЯБАНДӢ** ناحیه‌بندی 1. *нав.* ба ноҳияҳо (3) ҷудо кардан; **ноҳиябандии вилоят** вилоятро ба ноҳияҳо тақсим кардан. 2. *кишов.* навъҳои ин ё он зироатро ба ин ё он ноҳия махсус гардондан: **ноҳиябандии навъҳои ҷуворимакка**.

**НОҲӢ** *а.* ناهی манъкунанда, наҳйкунанда, боздоранда.

**НОҲОР** ناهار аз бомдод чизе нахӯрда, аз пагоҳирӯзӣ тахтулнакарда; ноништанакарда; гурусна: **дили ноҳор**.

**НОҲУШЁР** ناهوشیار 1. он ки ҳушёр нест, маст. 2. кундфаҳм; нофаҳм.

**НОЧА** ناچه *ниг.* **нойча**; **ноча андохтан** нойча тайёр кардан, нойча печонда мондан. 2. ҳосили навбастаи растаниҳои палакӣ аз қабили бодиринг, харбуза, каду *ва г.*: **ноча бастан.**

**НОЧАСП** ناچسپ *ниг.* **ночаспон**.

**НОЧАСПӢ** ناچسپی *ниг.* **ночаспонӣ**.

**НОЧАСПОН** ناچسپان 1. номувофиқ; берабт, бемуносибат; **гапҳои ночаспон** суханони берабт ва бемаврид; **дарбеҳи ночаспон** дарбеҳи номувофиқ; ямоқи безеб; **табассуми ночаспон** табассуми номувофиқ ва сохта. 2. ноҳинҷор, кабоб.

**НОЧАСПОНӢ** ناچسپانی 1. берабтӣ; номуносибӣ: **ночаспонии гап**. 2. ношинамӣ, номувофиқӣ.

**НОЧАХ** ناچخ *кит.* 1. *ниг.* **табарзин**. 2. найзаи хурд.

**НОЧИЗ** ناچیز 1. бисёр кам, хеле кам, андак: **даромади ночиз, маблағи ночиз**. 2. арзишнадошта, беқадр: **тӯҳфаи ночиз**. 3. ҳеҷ чиз; ҳеҷ, беаҳамият.

**НОЧОР** ناچار 1. ноилоҷ, маҷбур, лобуд. 2. ногузир, ҳатман, бечуну чаро: **чор-ночор** хоҳ-нохоҳ, ногузир; **ночор гардидан (мондан, шудан)** ноилоҷ шудан, маҷбур шудан.

**НОЧОРӢ** ناچاری 1. ноилоҷӣ, маҷбурӣ; зарурат; **аз ночорӣ** аз беилоҷӣ, аз ноилоҷӣ; **ба ночорӣ** бо ноилоҷӣ. 2. *маҷ.* бечорагӣ, тиҳидастӣ, фақр.

**НОЧОҚ** ناچاق *гуфт.* нохуш, нохурсанд, ношод: **димоғи ночоқ**.

**НОҶАВОНМАРД** ناجوانمرد 1. он ки ҷавонмард нест; бадсиришт; бешараф. 2. пастҳиммат, фурӯмоя, сифла.

**НОҶАВОНМАРДӢ** ناجوانمردی 1. бадсириштӣ; бешарафӣ. 2. пастҳимматӣ, дунҳимматӣ.

**НОҶАВОНМАРДОНА** ناجوانمردانه 1. бешарафона: **амали ноҷавонмардона.** 2. пастҳимматона, дунҳимматона.

**НОҶАМЪ** ناجمع парешон, пароканда; **хотири ноҷамъ** парешонии хотир.

**НОҶИНС** ناجنس 1. зоташ бад бадзот; бадҷинс. 2. *таҳк.* нокас, номард; нобоб. 3. уснагиранда; номуросо.

**НОҶӢ** *а.* ناجی *кит.* наҷотёбанда; наҷотёфта.

**НОҶОИЗ** ناجائز 1. нораво, ҷоизнабуда. 2. *маҷ.* нолоиқ, ношоиста: **корҳои ноҷоиз.**

**НОҶОЛИБ** ناجالب ҷолибнабуда, ҷалбнакунанда; намуди ҷолиб надошта.

**НОҶУНБОН** ناجنبان наҷунбанда, беҳаракат; **ноҷунбон шуда мондан** беҳаракат (карахт) шудан, шах шуда мондан.

**НОҶӮР** ناجور 1. мувофиқатнадошта, номутаносиб, ноҳамоҳанг. 2. ноқулай, нохуш: **худро ноҷур ҳис кардан.**

**НОҶӮРӢ** ناجوری 1. номувофиқатӣ, номутаносибӣ; ноҳамоҳангӣ, 2. ноқулайӣ, нохуш будан.

**НОШАФФОФ** ناشفاف 1. ғайришаффоф, нософ: тира; ғуборолуд. 2. *маҷ.* ноошкор, пӯшида.

**НОШИКАН** ناشکن нашикананда, намешикастагӣ: **истакани ношикан.**

**НОШИКАСТА** ناشکسته нашикаста, бутун (чизҳои шикастанӣ).

**НОШИКЕБ** ناشکیب бесабр, бетоқат.

**НОШИКЕБӢ** ناشکیبی бесабрӣ, беқарорӣ.

**НОШИКЕБО** ناشکیبا *ниг.* **ношикеб**.

**НОШИНОС** ناشناس 1. ноошно, бегона: **одамони**

**ношинос**. 2. шинохтанашуда; шиносоинадошта; омӯхтанашуда: **чизи ношинос, ношинос будан** *бо чизе.*

**НОШИНОСӢ** ناشناسی ношинос будан; шинос набудан, бегона будан; **ба ношиносӣ задан** ношинос вонамуд кардан.

**НОШИНОСО** ناشناسا ношинос; шиноснашуда, ошноинадошта бо чизе; ноогоҳ аз чизе.

**НОШИНОСОӢ** ناشناسائی ношиносӣ; ноогоҳӣ.

**НОШИНОХТ** ناشناخت *кит.* ношинос; шинохтанашуда; он ки ҳеҷ кас ӯро намешиносад.

**НОШИР** *а.* ناشر нашркунанда, паҳнкунанда; ба табъ расонанда.

**НОШИТО** ناشتا *ниг.* **ношто.**

**НОШИФ** *а.* ناشف *кит.* ба худ кашанда (*мас., обро*), ҷаббанда, нашфкунанда.

**НОШӢ** ناشی 1. пайдошаванда (аз чизе), сарзананда. 2. *кит.* бетаҷриба; навкор, тозакор.

**НОШОД** ناشاد он ки шоду хурсанд нест; андӯҳгин, ғамгин, маҳзун, хафа.

**НОШОИСТА** ناشایسته 1. ношоям, носазовор, нолоиқ. 2. беҳуда, беҷо, бад: **гапи ношоиста, ҳаракати ношоиста**.

**НОШОИСТАГӢ** ناشایسته گی ношоиста будан, нолоиқӣ, носазоворӣ.

**НОШОЯМ** ناشایم ношоиста, носазовор, ғайри шоистаи коре ё чизе, нодуруст, бад, зишт; **кори ношоям** кори бад, амали зишт; **суханҳои ношоям** алфози қабеҳ.

**НОШПОТӢ** ناشپاتی меваи ширини обдор аз ҷинси мурӯд ва нок.

**НОШПӮТӢ** ناشپوتی *ниг.* **ношпотӣ**.

**НОШТО** ناشتا *ниг.* **ноништа; ношто кардан** хӯроки пагоҳӣ хӯрдан, ноништа кардан; **вақти ношто** ҳангоми таҳтӯли пагоҳӣ.

**НОШУД** ناشد 1. белаёқат, бебарор, ноӯҳдабаро, нотавон, бекора, он ки аз ӯҳдаи коре намебарояд. 2. нимҷон, беқувват.

**НОШУДАНӢ** ناشدنی 1. *шакли инкории сифати феълии замони оянда* аз **шудан**. 2. он чи набояд шавад, нашаванда; он чи шуданаш мумкин нест, ғайримумкин.

**НОШУКР** ناشکر носипос, кӯрнамак; ҳақношинос: **бандаи ношукр**.

**НОШУКРӢ** ناشکری кӯрнамакӣ, носипосӣ, ҳақношиносӣ; **ношукрӣ кардан** а) носипосӣ кардан, пешпо задан (*неъматеро*); б) қадри чизеро надонистан, ба қадри чизе ё некии касе нарасидан.

**НОШУКУФТА** ناشکفته шукуфтанашуда, бознашуда, вонашуда, **гули ношукуфта; оҳаки ношукуфта** оҳаки обнарасида.

**НОШУМОР\\НОШУМУР** ناشمر//ناشمار 1. нашумурда, шумор накарда. 2. *ниг.* **бешумор.**

**НОШУНАВО** ناشنوا нашунаванда, кар.

**НОШУНАВОӢ** ناشنوائی қобилияти шунавоӣ надоштан, нашунаванда будан, ношунидан; **худро ба ношунавоӣ андохтан** худро нашунида вонамуд кардан.

**НОШУСТА** ناشسته шустанашуда; чиркин, нопок: **либоси ношуста;** ◊ **тифли ношуста** кӯдаки навзод.

**НОЯБР** *ю.* نایبر номи моҳи ёздаҳуми солшумории милодӣ.

**НОЯБРӢ** نایبری *мансуб ба* **ноябр**.

**НУБУВВАТ** *а.* نبوت *кит.* 1. *ниг.* **рисолат.** 2. *маҷ.* эъҷоз, мӯъҷизанамоӣ, мӯъҷиза нишон додан.

**НУБУҒ** *а.* نبوغ *кит.* заковати баланд, истеъдоди фавқулода, ниҳояти мумтозӣ дар илму адаб.

**НУВВОБ** نواب *ҷ.* **ноиб.**

**НУГУН** نگون *ниг.* **нагун**.

**НУГУНСОР** نگونسار *ниг.* **нагунсор**.

**НУДАМО** *а.* ندما *ҷ.* **надим.**

**НУДБА** *а.* ندبه гиря, нола; гиря кардан, нола кардан; ба мурда навҳа кардан.

**НУДРАТ** *а.* ندرت камӣ, камёбӣ, кам воқеъ шудан; **ба нудрат** кам, аҳён.

**НУДРАТАН** *а.* ندرتاً аҳёнан, гоҳ-гоҳ.

**НУЗДАҲ** نزده *шумораи миқдорӣ* адади 19, яъне даҳ ҷамъи нӯҳ.

**НУЗДАҲСОЛА** نزدهساله он ки (чи) нуздаҳ сол дорад, нуздаҳ сол дошта; синнаш ба нуздаҳ даромада: **ҷавони нуздаҳсола.**

**НУЗДАҲСОЛАГӢ** نزده‌سالگی нуздаҳсола будан, нуздаҳ сол доштан.

**НУЗДАҲУМ** نزدهم *шумораи тартибӣ аз* **нуздаҳ**.

**НУЗДАҲУМИН** نزدهمین *ниг.* **нуздаҳум;** касе ё чизе, ки шумораи нуздаҳ қарор дорад.

**НУЗЛ** *а.* نزل *кит.* 1. ризқ, рӯзӣ. 2. хӯрданиҳое, ки пеши меҳмон мегузоранд; зиёфат.

**НУЗУЛ** *а.* نزول *кит.* 1. фурудоӣ. 2. поин омадан, фуромадан; манзил гирифтан (*пас аз сафар*); **нузул кардан (намудан, фармудан)** манзил гирифтан, фуромада ҷой гирифтан.

**НУЗҲАТ** *а.* نزهت *кит.* 1. покизагӣ; некӯӣ. 2. хушҳолӣ, хурсандӣ.

**НУЗҲАТБАХШ** نزهت‌بخش фараҳбахш, хурсандиовар.

**НУЗҲАТГОҲ** نزهتگاه *кит.* ҷои хушҳаво, ҷои дилкушо.

**НУКОТ** *а.* نکات *ҷ.* **нукта.**

**НУКТА** نکته 1. масъалаи нозук. 2. мазмуни дақиқ. 3. сухани пӯшида, каломи рамзнок; **донандаи нуктаҳои борик** донандаи суханҳои пурмазмун ва таъсирбахш, суханвари борикфаҳм, нозукадо. 4. ҷиҳати муҳими ягон масъала; ҳарфи муҳим, гапи зарур.

**НУКТАГИР** نکته‌گیر эродгир, хурдагир, айбҷӯй.

**НУКТАГИРӢ** نکته‌گیری эродгирӣ, хӯрдагирӣ, айбҷӯӣ.

**НУКТАДОН** نکته‌دان борикфаҳм, зирак; он ки хубу бадро нағз фарқ мекунад (*хусусан суханро*); сухандони забардаст.

**НУКТАДОНӢ** نکته‌دانی борикфаҳмӣ, донистани паҳлуҳои нозуки сухан.

**НУКТАКУШО** نکته‌کشا нуктасанҷ, борикбин; рамзфаҳм.

**НУКТАПАРДОЗ** نکته‌پرداز гӯяндаи нуктаҳои латифу дақиқ, нозукбаён, суханвари нозукадо.

**НУКТАПАРДОЗӢ** نکته‌پردازی нозукбаёнӣ.

**НУКТАСАНҶ** نکته سنج дарк ва баёнкунандаи мазмунҳои баланду дақиқ, сухансанҷ, суханвари мумтоз.

**НУКТАСАНҶӢ** نکته سنجی дарк ва баёни нуктаҳои борик; санҷидагӯӣ; суханварӣ, фасеҳбаёнӣ.

**НУКТАФАҲМ** نکته فهم *ниг.* **нуктадон**.

**НУКТАФАҲМӢ** نکته فهمی *ниг.* **нуктадонӣ**.

**НУКЧА** نوکچه *ниг.* **нӯкча**.

**НУҚАТ** *а.* نقت *ҷ.* **нуқта**.

**НУҚЛ** *а.* نقل 1. чизе ки пас аз нӯшидани бодову май мехӯранд, газак, ҳалқосо. 2. беҳтарини чизҳои хӯрданӣ; хуб ва сараи чизҳо; **нуқлу наво** шириниҳо, меваҳои хушк; **нуқли маҷлис** *киноя аз* сухане, ки сари забонҳои аҳли маҷлис бошад; мавзӯе, ки вирди забони ҷамъият аст. 3. *гуфт.* ҳама, тамом, тамоман: **заминаш нуқл аз сангу рег иборат аст**.

**НУҚЛДОН** نقلدان зарфе барои нуқл, зарфе барои газак.

**НУҚОТ** نقات *аслаш* **никот**.

**НУҚРА** نقره 1. филизи гаронбаҳои сафедранг, сим; **нуқраи холис** нуқраи софи бе омехтагӣ бо маъданҳои дигар. 2. аз нуқра сохташуда, нуқрагин: **пули (тангаи) нуқра; медали нуқра** нишонест, ки дар мактабҳои миёна ба талабагони бо баҳои “хуб” ва “аъло” таҳсилкарда ва имтиҳонҳои хатмро супурда дода мешавад.

**НУҚРААНДУД** نقره‌اندود бо оби нуқра андудашуда, бо нуқра рӯйбаст кардашуда, симандуд.

**НУҚРАБАНД** نقره‌بند бо нуқра ороиш додашуда, нуқракоришуда: **носкадуи нуқрабанд.**

**НУҚРАВОР** نقره‌وار нуқрамонанд, нуқраранг.

**НУҚРАВОРӢ** نقره‌واری асбобу олоти зебу ороишии нуқрагин.

**НУҚРАГИН** نقره‌گین аз нуқра сохташуда, симин; бо нуқра ороиш додашуда: **камарбанди нуқрагин, лаълии нуқрагин**.

**НУҚРАГӢ** نقرگی *мансуб ба* **нуқра**; нуқрагин.

**НУҚРАГУН** نقره‌گون *ниг.* **нуқраранг.**

**НУҚРАДАВОНӢ** نقره‌دوانی нуқра давондан ба рӯи чизе, нуқра андудан.

**НУҚРАДОР** نقره دار он чи дар таркибаш нуқра дорад: **санги нуқрадор.**

**НУҚРАКОР** نقره‌کار заргаре, ки чизҳои нуқрагӣ месозад.

**НУҚРАКОРӢ** نقره‌کاری 1. бо нуқра зинат додан. 2. бо нуқра зинат додашуда; хотамкорӣ аз нуқра: **зини қошаш нуқракорӣ**.

**НУҚРАКӮБ** نقره‌کوب ба рӯяш аз нуқра нақшу нигор дошта: **камарбанди нуқракӯб**.

**НУҚРАКӮБӢ** نقره‌کوبی *ниг.* **нуқракорӣ**.

**НУҚРАМОНАНД** نقره‌مانند *ниг.* **нуқравор**.

**НУҚРАМӮ(Й)** (نقره‌مو(ی дорои мӯи нуқрамонанд: **духтари нуқрамӯй**.

**НУҚРАОСО** نقره‌آسا *ниг.* **нуқравор**.

**НУҚРАПӮШ** نقره‌پوش пӯшидашуда бо нуқра; сафедпӯш; **кӯҳи сарбаланди нуқрапӯш** кӯҳи баланди бо барфҳои нуқрагун пӯшидашуда.

**НУҚРАРАНГ** نقره‌رنگ ба ранги нуқра сафед, нуқратоб, симгун.

**НУҚРАСОН** نقره‌سان нуқрагун, нуқрамонанд, нуқравор.

**НУҚРАТОБ** نقره‌تاب *ниг.* **нуқраранг**.

**НУҚРАФОМ** نقره‌فام нуқрагун, нуқраранг.

**НУҚРАҲАЛ** نقره‌حل ҳалли нуқра, оби гудохтаи нуқра.

**НУҚС** *а.* نقص [*аслаш* **нақс**] *ниг.* **нуқсон**.

**НУҚСДОР** نقص‌دار *ниг.* **нуқсондор**.

**НУҚСОН** نقصان 1. *кит.* кам шудан, коста шудан. 2. камбудӣ, норасоӣ, камӣ. 3. айб, иллат: **нуқсон доштан, нуқсон ёфтан (пайдо кардан)**; **ислоҳи нуқсон кардан** камбудиҳоро бартараф кардан.

**НУҚСОНДОР** نقصاندار он чи камбудӣ ва норасоие дорад.

**НУҚТА** *а.* نقطه 1. изи бисёр хурде, ки бо як бор расондани нӯги қалам ё ягон чизи нӯгтез пайдо мешавад; **нуқтаи ҳарфҳои арабӣ** аломати холчамонанде, ки дар боло ва зери ҳарфҳои арабӣ гузошта мешавад. 2. *грам.* аломати ист дар китобат (.), ки дар охири ҷумла гузошта мешавад: **нуқтаву вергул.** 3. мафҳуми асосӣ дар риёзиёт, ҳандаса ва физика, ки мафҳуми ибтидои чизе, ҷои бурида гузаштани як хат ё чанд хат ва ғайраро ифода мекунад: **нуқтаи буриши ду хати рост**, **нуқтаи яхбандӣ, нуқтаи ҷӯшиш; нуқта гузоштан** а) нуқта мондан; б) *кин.* ба охир расонидан, анҷом додан. 4. марказ; **нуқтаи доира** маркази доира. 5. ҷои ягон чиз, ҷой,маҳал; **нуқтаи баланд** қуллаи авҷ, дараҷаи баландтарини ҷое, чизе; **нуқтаи марказӣ** ҷои асосӣ, марказ; **нуқтаи савдо** мағоза, дукон ва умуман ҷои хурда фурушиҳо. 6. *маҷ.* нукта, масъала; **нуқтаи** телефон дастгоҳи собити дар ҷое насбшудаи телефон; ◊ **нуқтаи назар** фикр, мулоҳиза, тарзи биниш; **аз нуқтаи назари...** мувофиқи диди..., назар ба мулоҳизаи…; **нуқта ба нуқта** айнан, бекаму кост.

**НУҚТАВЕРГУЛ** نقطه ویرگل *грам.* аломати китобатиест, ки дар дохили чумла, дар сурати нотамом ва тафсилталаб будани фикр гузошта мешавад.

**НУҚТАГУЗОРӢ** نقطه گذاری гузоштани нуқта (*дар ҳарфҳои арабӣ ва дар охири ҷумлаҳо*).

**НУҚТАДОР** نقطه‌دار нуқтанок, нуқтадошта: **ҳарфи нуқтадор** (*дар алифбои араби асоси тоҷикӣ*).

**НУҚУД** نقود *кит., ҷ.* **нақд**.

**НУЛА** نوله садои дарози сагу шағол; уллоси саг; **нула кашидан** садои дароз баровардани саг ва шағол.

**НУЛАКАШӢ** نوله‌کشی *исми амал аз* **нула кашидан**; уллоскашии сагу шағол.

**НУМӮ//НУМУВ** *а.* نمو 1. сабзидан, сабзиш, нашъунамо, болиш. 2. тараққиёт, инкишоф, болоравӣ, рушд: **нумӯ кардан.**

**НУН I** نون *номи ҳарфи бисту нӯҳуми алифбои арабиасоси тоҷикӣ, ( ), ки дар ҳисоби абҷад баробари адади 50 аст.*

**НУН II** نون *кутоҳшудаи* **акнун**.

**НУР** نور 1. рӯшноӣ, равшанӣ, зиё (-и офтоб, ситора, чароғ, оташ ва *г.*). 2. шуоъ: **нурҳои ултрабунафш**. 3. фурӯғ, тобиш, дурахшиш (-и чашм) *ба тарзи истиора*: **нури дониш, нури илм, нури маърифат**; **нур аз чашм (дида) рафтан** хира шудани чашм, заиф ва беқувват шудани биноӣ; **нур бахшидан** а) равшанӣ додан, равшан кардан; б) *кин.* ҳузуру ҳаловат бахшидан; **нур додан** равшанӣ додан, равшан кардан (*мас. ба воситаи қувваи барқ*); **нур пошидан** дурахшидан; **нур фишондан** равшанӣ додан, фурӯзон кардан; ◊ **нур болои нур** нуран ало нур, боз беҳтар; **нури дида (чашм)** фарзанди азиз; **нури дида, тоҷи сар** дар мавриди ниҳояти сарфарозӣ ва хурсандӣ аз омадани одами азиз ва мӯҳтарам гуфта мешавад.

**НУРА** نوره омехтаи оҳаку зарних, ки барои поксозии мӯй аз бадан кор фармуда мешавад.

**НУРАФКАН** نورافکن 1. нурпош, дурахшон; равшанидиҳанда. 2. *нав.* чароғи махсуси барқӣ, ки нурро ба як дастаи пурқувват ҷамъ карда ба тарафи даркорӣ ва ба дур медиҳад, прожектор.

**НУРАФКАНӢ** نورافکنی 1. нурпошӣ, равшандиҳӣ. 2. *физ.* шуоъдиҳӣ.

**НУРАФШОН** نورافشان нурпош, нурафкан.

**НУРАФШОНӢ** نورافشانی нурпошӣ, равшанибахшӣ, нурдиҳӣ.

**НУРБАХШ** نوربخش нурдиҳанда, равшанкунанда, партавафкан.

**НУРБОР** نوربار нурафшон, нурпош, бисёр равшан.

**НУРБОРОН** نورباران пурнур, пурзиё; **нурборон**

**намудан** ниҳоят равшан кардан, пурнур кардан.

**НУРДИҲАНДА** نوردهنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **нур додан**; нурбахш. 2. он ки мутасаддии равшан кардани саҳна ва воситаҳои дигари нурдиҳӣ аст, танвиргар.

**НУРИАНДОЗӢ** نوری‌اندازی *ниг.* **нурипошӣ**.

**НУРИКАШОНӢ** نوری‌کشانی нурӣ кашондан, нурӣ овардан ба сари замини кишт.

**НУРИПОШАК** نوری پاشک асбобе, ки ба воситаи он ба замини кишт нурӣ мепошанд.

**НУРИПОШӢ** نوری پاشی *исми амал аз* **нурӣ пошидан**; нурӣ андохтан ба киштзор, нуриандозӣ; порупошӣ

**НУРӢ** نوری моддаи органикӣ ва ғайриорганикӣ, ки қувваи ҳосилхезии заминро зиёд мекунад (*аз қабили* пору, селитра ва моддаҳои дигар); **нурӣ андохтан, нурӣ пошидан** *(ба замини кишт)*; **нурии маъданӣ** (азотӣ, фосфорӣ *ва г.*) моддаи ба хок қувватдиҳандаи химиявӣ.

**НУРОНӢ** نورانی 1. пурнур, пурзиё, тобон, мунаввар. 2. *маҷ.* гармрӯ, ситорагарм; **мӯйсафеди (пири) нуронӣ; чеҳраи нуронӣ** рӯи рахшон

**НУРПОШ** نورپاش нурафшон, партавафкан' нурбахш; дурахшон, мунаввар.

**НУРПОШАНДА** نورپاشنده *ниг.* **нурпош.**

**НУРПОШӢ** نورپاشی нурафшонӣ, равшанидиҳӣ' партавафканӣ.

**НУРФИШОН** نورفشان *ниг.* **нурафшон.**

**НУРФИШОНӢ** نورفشانی *ниг.* **нурафшонӣ.**

**НУС** نس *кит.* гирдогирди даҳон; лаб; пӯз, фук.

**НУСК//НАСК** نسک *кит.* номи ҳар як аз бистуяк бахши китоби муқаддаси зардуштиён - Авесто.

**НУСРАТ** *а.* نصرت 1. *кит.* ёрӣ, ёрмандӣ, мадад. 2. зафар, ғалаба, пирӯзӣ; **нусрат ёфтан** ғалаба кардан, зафар ёфтан.

**НУСРАТБАХШ** نصرت‌بخش зафарбахш, фатҳовар.

**НУСРАТҚАРИН** نصرت‌قرین он ки фатҳу ғалаба ёру ёвари ӯст; зафарманд, фирӯзманд.

**НУСРАТМАНД** نصرتمند зафарманд, ғолиб' фотеҳ.

**НУСРАТОВАР** نصرت‌آور *ниг.* **нусратбахш.**

**НУСРАТОИН** نصرت‌آئین *ниг.* **нусратқарин.**

**НУСХА** نسخه 1. навиштае, ки аз рӯи китоб ё матни дигар рӯнавис карда шудааст; аксе, ки аз рӯи тасвир, нақша ё ҳуҷҷате бардошта шудааст, копия; **нусхаи асл** навиштаи аввал, асли матн. 2. ҳар адад аз чизҳои навишта ва чопшуда: **адади нашрро ба.... нусха расондан**. 3. нақшаи чизҳои гулдӯзӣ ва ё гулбуришуда; **нусха бардоштан** а) рӯйбардор кардан, рӯнавис кардан (*навишта ё нақшаеро*); б) *кин.* тақлид кардан. 4. *нав.* дастури хаттии духтур барои тайёр кардани дору ва тарзи истеъмоли он.

**НУСХАБАДАЛ** نسخه‌بدل *адш.* матни аз тарафи нусханависе тағйирёфтаи ягон асар: **нусхабадалҳои девони шоир.**

**НУСХАБАРДОР** نسخه‌بردار рӯнавискунанда, нусхагир.

**НУСХАБАРДОРӢ** نسخه‌برداری нусха бардоштан, нусхагирӣ, рӯнавис кардан.

**НУСХАГИР** نسخه‌گیر коргари матбаа, ки барои мусаҳҳеҳои нусхаи асари чопшавандаро тайёр мекунад.

**НУСХАГИРӢ** نسخه‌گیری *ниг.* **нусхабардорӣ.**

**НУСХАКАШ** نسخه‌کش он ки барои гулдӯзӣ ва гулпартоӣ нақшаи намуна мекашад.

**НУСХАКАШӢ** نسخه‌کشی шуғл ва амали нусхакаш.

**НУСХАНАВИС** نسخه‌نویس он ки чизи навиштаро рӯбардор мекунад, нусхабардор.

**НУСХАНАВИСӢ** نسخه‌نویسی аз чизи навиштае рӯй бардоштан.

**НУТҚ** *а.* نطق 1. қобилияти сухан гуфтан, ба забон овардани калом, гапзанӣ; **узвҳои нутқ** узвҳои гуногуни инсон (*аз қабили* забон, ком, ҳалқ, садопардаҳо, забонча *ва г.*), ки бо иштироки онҳо овозҳои нутқ ба вуҷуд меояд. 2. ҳунари сухангӯӣ; суханронӣ дар назди ҷамъият; хитоба гуфтан; **нутқи бурро** ҳунари равшан, фаҳмо ва зебову ифоданок сухан гуфтан. **нутқ кардан//нутқ эрод кардан** суханронӣ кардан, гап задан дар ҷамъомаде. 3. *збш.* услуб, тарзи гуфтор; **нутқи хаттӣ** услуби забони китобӣ, забони навишторӣ; **нутқи айнан нақлшуда** порчае аз гуфтори шахси дигар, ки нависанда ё гӯянда бе ягон тағйирот, яъне айнан дар иншо ё сухани худ иқтибосан меорад; **нутқи мазмунан нақлшуда** мазмуни сухани каси дигар, ки гӯянда ё нависанда онро одатан ихтисоран дар калом ё навиштаи худ меорад; ◊ **нутқи саҳнавӣ** фанни махсусе дар шӯъбаҳои актёрӣ ва коргардонии мактабҳои олии санъат, ки дар хусуси чигунагии забони асарҳои

саҳнавӣ ва тарзи такаллуми ҳунарпешагон баҳс мекунад.

**НУТФА** *а.* نطفه оби мард, манӣ.

**НУФУЗ** *а.* نفوذ 1. таъсир гузарондан, асар кардан; таъсир: **нуфузи маънавӣ**. 2. ҷорӣ шудани ҳукм ва фармон (-и шахсе, давлате; **нуфуз доштан** таъсир доштан; **нуфузи худро афзудан** таъсири худро зиёд кардан; **нуфуз пайдо кардан** таъсиру эътибор пайдо кардан.

**НУФУЗНОК** نفوذناک соҳиби таъсиру эътибор, бонуфуз.

**НУФУЗНОПАЗИР** نفوذناپذیر он ки ё он чи ба он таъсир расондан номумкин аст.

**НУФУЗНОПАЗИРӢ** نفوذناپذیری нуфузнопазир будан.

**НУФУР** نفور *кит.* 1. гурез, рамидан бинобар нафрат аз чизе. 2. танаффур, нафрат.

**НУФУС** نفوس 1. *ҷ.* **нафс.** 2. аҳолӣ, мардум; **афзоиши нуфус** афзудани саршумори аҳолӣ.

**НУХОЛА** *а.* نخاله *кит.* 1. сабӯс. 2. *маҷ.* ҳар чизи беарзишу бефоида.

**НУХОЪ** *а.* نخاع *кит.* моддаи сафедранг, ки дар даруни аррапушт ҷойгир аст; мағзи ҳаром, ҳароммағз.

**НУҲОС** *а.* نحاس *кит.* мис.

**НУҲУЛ** *а.* نحول *кит.* лоғарӣ, харобӣ.

**НУҲУНБАН//НИҲУНБАН** نهنبن *ниг.* **ниҳанбан**; сарпуши дегу табақ, танӯр *ва г.*

**НУҲУС** *а.* نهوس *ҷ.* **наҳс**.

**НУҲУСАТ** نهوست бадбахтӣ, шумӣ, бетолеӣ, нофарҷомӣ.

**НУҲУФТ** نهفت пинҳон, пӯшида; **нуҳуфт доштан** пинҳон доштан.

**НУҲУФТА** نهفته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **нуҳуфтан**; пинҳон, пӯшида, махфӣ: **нуҳуфта доштан**. 2. рустшуда, пинҳоншуда.

**НУҲУФТАН** نهفتن 1. пинҳон кардан, нонамоён кардан, рӯпӯш кардан, махфӣ кардан. 2. пинҳон шудан, махфӣ шудан, ниҳон гардидан.

**НУҶАБО** *а.* نجبا *кит., ҷ.* **наҷиб.**

**НУҶУМ** *а.* نجوم 1. *ҷ.* **наҷм.** 2. эътиқоду тасаввуротест дар бораи аз рӯи вазъи ситораҳо пешгӯӣ кардани тақдири инсону дигар пешомадҳо (астрология); **илми нуҷум** илми ҳайат, ситорашиносӣ, астрономия.

**НУҶУМӢ** نجومی 1. *марбут ба* **нуҷум**. 2. мунаҷҷим; ситорашинос ахтаршинос; **расадоти нуҷумӣ** мушоҳидоти ситорашиносӣ.

**НУШРА(Т)** نشره//نشرت *кит.* афсун, дуое, ки барои муолиҷаи девона ё беморе хонда ё ба рӯи коғаз ва лавҳа навишта мешавад; таъвиз.

**НУШУЗ** *а.* نشوز *кит.* 1. носозгорӣ кардани зан бо шавҳари худ. 2. гарданшахӣ, гарданкашӣ, нофармонӣ.

**НУШУР** *а.* نشور *д.* зинда шудани баъд аз мурдан, бархостан аз гӯр; растахез, қиёмат.

**НУШХОР//НУШХӮР** نشخوار *кит.* 1. пасмондаи алафи гову гӯсфанд. 2. кафшаи гову гӯсфанд.

**НӮГ//НӮК** نوک//نوگ 1. сари тези ҳар чиз (*мас., сӯзан, қалам ва г.*). 2. сари чизе (*мас., ришта, чӯб ва г.*); **нӯги забон** а) қисми пеши забон; б) *маҷ.* на аз сидқи дил, рӯякӣ, аз рӯи дил; **нуки калоба** а) сари риштаи калоба; б) *маҷ.* сари риштаи коре, роҳи ҳалли коре (масъалае). **нӯг-нӯги даст** а) бо нӯги ангуштони даст; гирам-нагирам; б) *киноя аз* дили нохоҳам, берағбат, бехоҳиш; **нӯг-нӯги пой** хеле оҳиста, бесадо (*оид ба* роҳ рафтан); **аз нӯги...** а) аз сари...; б) *маҷ.* аз ҳисоби...; **бесару нӯг** дарҳамбарҳам, печида, сарпеч; **нӯг додан** сар задан, намоён гаштан, неш задан(-и растанӣ); **нӯги калобаро гум кардан** саросема шудан, чӣ кор кардани худро надониста мондан; **нӯги остин шуда натавонистан** баробарӣ карда натавонистан, рақобат карда натавонистан бо чизе; **нӯг ба нӯг расондан (кардан)** чизеро дар **рӯзгор** то вақти муайян бо машаққат расонидан; **аз нӯги хамир фатир** (*мақ.*) намунаи аввал, намунае аз бисёр, андаке аз чизе.

**НӮГБОРИК** نوگباریک дорои нӯги борик.

**НӮГБУРИДА** نوگبریده аз нӯг кӯтоҳ (калта) кардашуда: буридашуда.

**НӮГДОДА** نوگداده *сифати феълии замони гузашта* аз **нӯг додан**; сарзада, зоҳиршуда, намоёншуда.

**НӮГДОР** نوگدار дорои нӯг, нӯги тез дошта.

**НӮГИЗАБОНӢ** نوگزبانی рӯякӣ, ғайрисамимӣ.

**НӮГИОСТИНӢ** نوگآستینی **: кори нӯгиостинӣ** кори ғайриқонунии махфӣ, қаллобию фиребгарии андак.

**НӮГИРӮМОЛӢ** نوگرویمالی чизи ёд кардашуда, ёдакишуда (сатҳӣ, рӯякӣ).

**НӮГКАҶ** نوگکج дорои нӯги каҷ, нӯгаш каҷ, сараш каҷ.

**НӮГТЕЗ** نوگتیز нӯгаш борик: **кафши бепошнаи нӯгтез, нӯгтез кардан**.

**НӮГТОК** نوگتاک бурида ё канда партофтани нӯги шохчаи навраси токи ангур.

**НӮГЧА** نوگچه *ниг.* **нӯкча**.

**НӮК** نوک *ниг.* **нӯг**.

**НӮКАР** نوکر *ниг.* **навкар**.

**НӮКАРӢ** نوکری *ниг.* **навкарӣ**.

**НӮКАРОНА** نوکرانه *ниг.* **навкарона**.

**НӮКҒАФС** نوک غفس ҳар чизи нӯгаш ғафс.

**НӮКЧА** نوکچه чӯбчаи нӯгаш пахта печонидашуда, ки равған молида дармегиронанд (*бештар дар мазорҳо*): **нӯкча даргирондан**.

**НӮКЧАДАРГИРОНӢ** نوکچه درگیرانی *исми амал аз* **нӯкча даргирондан**; даргирондани нӯкча.

**НӮЛ** نول 1. минқори мурғон. 2. милаи офтоба ва зарфҳои дигар; **нӯл задан** минқор задан; бо нӯл задан; ◊ *касеро* **дар коре бо (ба) як нӯл задан** аз касе дар коре ниҳоят нешдаст будан; хеле моҳир будан.

**НӮЛА** نوله *ниг.* **нула**.

**НӮЛБОРИК** نولباریک ҳар чизе, ки нӯлаш борик, аст, бориккнӯл.

**НӮЛДАРОЗ** نولدراز чизи нӯлаш дароз, дарознӯл: **чойники нӯлдароз**.

**НӮЛДОР** نولدار нӯлнок, миладор, милнок.

**НӮЛЗАНӢ** نولزنی *исми амал аз* **нӯл задан;** минқор задан.

**НӮСА** نوسه *кит.* рангинкамон, қавси қузаҳ.

**НӮФ** نوف *кит.*, акси овоз, ки аз кӯҳ бар мегардад акси садо.

**НӮФА** نوفه *кит.* шӯру ғавғо, ғалоғула.

**НӮФИДАН** نوفیدن *кит.* баромадани акси садо аз кӯҳ; ғурридан, ғалоғула кардан, шӯру ғавғо намудан.

**НӮХТА** نوخته абзоре аз чарм ё банд, ки барои нигоҳ доштани асп, хар ё чорпои дигар ба сари он андохта мебананд; гулафсор; **нӯхта задан (андохтан)** а) нӯхта ба сар кардан (ба хар); б) *маҷ.* ба итоат даровардан, ром кардан, мутеъ сохтан; **нӯхтаро кандан** *маҷ.* аз итоат баромадан.

**НӮХТАБАНД** نوختهبند банди дарозе, ки ба нӯхта пайванд буда, ба даст дошта ё ба ҷое баста мешавад.

**НУҲ** نه *шумораи миқдорӣ* ададе, ки пеш аз даҳ меояд, адади 9; ◊ **нуҳ гунбад** нуҳ табақаи осмон (*аз рӯи ақидаи қадимиён*); **нуҳ фалак** нуҳ табақаи осмон, яъне ҳафт фалак ва фалаки ҳаштум, ки гӯё бурҷҳои осмонӣ он ҷо қарор доранд ва фалаки нуҳум, ки охирин табақаи осмон буда, фалакулафлок низ номида мешавад.

**НУҲБОЛОР** نهبالار хонае, ки нуҳ болор дорад.

**НУҲГОНА** نهگانه иборат аз нуҳ адад, нуҳтоӣ: **рақами нуҳгона**.

**НУҲСАД** نهصد *шумораи миқдорӣ* нуҳ бор сад.

**НУҲСАДСОЛА** نهصدساله он чи нуҳсад сол дорад.

**НУҲСАДСОЛАГӢ** نهصدسالگی нуҳсадсола будан, нуҳсад сол доштан.

**НУҲСАДУМ** نهصدم *шумораи тартибӣ аз* **нуҳсад**.

**НУҲСАДУМИН** نهصدمین *ниг.* **нуҳсадум**; чизе, ки дар шумораи нуҳсад қарор дорад.

**НУҲСОЛА** نه ساله он ки ё он чи нуҳ сол дорад, нуҳ сол дошта; синаш ба нуҳ даромада.

**НУҲСОЛАГӢ** نهسالگی нуҳ сол дошта.

**НУҲУМ** نهم *шумораи тартибӣ аз* **нуҳ**.

**НУҲУМИН** نهمین *ниг.* **нуҳум**; он чи ё он ки дар шумораи нуҳ ё ҷои нуҳум қарор дорад.

**НУҲЯК** نهیک аз нуҳ як (ҳисса).

**НӮҲ** نوح *кит. д.* яке аз пайғамбарони қадим, ки тибқи ривоёти динӣ дар замони ӯ тӯфони азиме рӯй дода, аксари рӯи заминро об зер кардааст ва Нӯҳ бо киштии худ гурӯҳе аз одамон ва ҳайвоноту растаниҳоро наҷот додааст.

**нӯш** نوش 1. *асоси замони ҳозира аз* **нӯшидан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* нӯшанда: **боданӯш, обнӯш**.

**НӮШ** نوش 1. ширин, гуворо; лаззатбахш. 2. асал; ангубин. 3. чизи нӯшиданӣ; **нӯш кардан** нӯшидан; ◊ **айшу нӯш** кайфу сафо, айшу ишрат; **нӯшу неш** а) асал ва заҳр; б) *маҷ.* меҳрубонӣ ва хашму ғазаб; **нӯши ҷон кардан** нӯшида ва хӯрда ҳаловат бурдан; **айшу нӯш кардан** кайфу сафо кардан, айшу ишрат кардан; **нӯши ҷонатон шавад**! гуворо бошад! (*ибораи хоҳиши нек*).

**НӮШБОД** نوشباد суханронии вақти шаробнӯшӣ (*ба муносибате*).

**НӮШГИЁҲ** نوشگیاه гиёҳе, ки дафъи заҳр мекунад.

**НӮШДОРУ** نوشدارو доруи зидди заҳр, подзаҳр; доруи шифобахш.

**НӮШИДАН** نوشیدن ошомидан, нӯш кардан,

хӯрдан чизҳои обакиро (*аз қабили* шир, шароб, обро).

**НӮШИДАНБОБ** نوشیدنباب ҳар чизи боби нӯшидан, барои ошомидан мувофиқ.

**НӮШИДАНӢ** نوشیدنی *сифати феълии замони оянда аз* **нӯшидан**; он чи нӯшида мешавад, он чи боби нӯшидан аст, ошомиданӣ.

**НӮШИН** نوشین ширин, гуворо, хуштаъм, лаззатбахш.

**НӮШИНА** نوشینه *ниг.* **нӯшин**.

**НӮШИНБОДА** نوشینباده 1. майи хушмаза, шароби лазиз. 2. *мус.* яке аз сӣ лаҳни Борбад.

**НӮШИНЛАБ** نوشینلب ширинлаб (*сифати маҳбуба*).

**НӮШКОМ** نوشکام шодком, баҳравар.

**НӮШЛАБ** نوشلب *ниг.* **нӯшинлаб**.

**НӮШОБА** نوشآبه 1. май, машрубот. 2. чизи нӯшиданӣ, нӯшокӣ (*аз қабили* шарбат, оби маъданӣ).

**НӮШОКӢ** نوشاکی чизи нӯшиданӣ, чизи обакӣ, нӯшоба; **оби нӯшокӣ** оби қобили хӯрдан, оби нӯшиданбоб, оби хӯрданӣ.

**НӮШОН(И)ДАН** نوشانیدن *тарзи бавоситаи* **нӯшидан**; ошомонидан, ба нӯшидан водоштан, хӯрондан.

**НӮШОНӮШ** نوشانوش (май) нӯшидани пай дар пай ва бисёр.

**НӮШОНӮШӢ** نوشا نوشی нӯшонӯш; бисёр нӯшидан, аз ҳад зиёд нӯшидан (майро).

**НӮШХӮР** I نشجور *ниг.* **нушхор // нушхӯр.**

**НӮШХӮР** II نوشخور зуккахӯр, бомазахӯрак.

**НӮЪМОН** نوعمان **: лолаи нӯъмон** лолаи сурх.

# ФАРҲАНГИ ТАФСИРИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Иборат аз 2 ҷилд
ҷилди I
А – Н

***Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, Душанбе, с. 2008,950 саҳ.***

**Муҳаррирон** Назарзода С., Сангинов А., Каримов С., М.-Ҳ Султон
**Мусаҳҳеҳон** Мискинов И., Зарафшонӣ С., Назаршоева Ч., Некбахтшоева С., Усмонова Г., Мирзоева О.

**Муҳаррири техникӣ** Ибодуллоев Ф.
**Саҳифабанд ва ороишгар** Назарзода Ф., Наимӣ М.
**Ҳуруфчинони компютерӣ** Назаршоева Ч., Ашӯрова Н., Усмонова Г., Некбахтшоева С., Мирзоева О., Раҷабова М., Шералиева А.

Ба чопаш 30.07.2008 имзо шуд.
Андозаи коғаз 80x100 1/16. Коғази офсетии №1.
Ҳуруфи «Times New Roman Tj». Чопи офсетӣ.
Ҳаҷмаш 60 ҷузъи чопӣ.
Адади нашр 5000 нусха.

*«…Бигзор ин фарҳанги ҷомеъ ҳамчун мероси азизи гузаштагони мо дастраси ҳар хонадони тоҷик ва китоби рӯимизии ҳар фарди бонангу номуси миллат бошад».*

*Эмомалӣ Раҳмон*

«... بگذار این فرهنگ جامع همچون میراث عزیـز گذشـتگان مـا دسـترس هـر خاندان تاجیک و کتاب روی میزی هر فرد با ننگ و ناموس ملت باشد»

**امام علی رحمان**

اکدیمیۀ علم‌های جمهوری تاجیکستان
پژوهشگاه زبان و ادبیات به نام رودکی

# فرهنگ تفسیری زبان تاجیکی

## (عبارت از ۲ جلد)

### جلد ۲

( آ — یَ )

زیر تحریر

سیف الدین نظرزاده (رئیس)، احمدجان سنگین‌اف،
سید کریم‌اف، میرزاحسن سلطان

دوشنبه – ۲۰۰۸

**АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ПАЖӮҲИШГОҲИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКӢ**

# ФАРҲАНГИ
# ТАФСИРИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

**(иборат аз 2 ҷилд)**

**ҶИЛДИ 2**

**( О - Я )**

**Зери таҳрири**

**Сайфиддин Назарзода (раис), Аҳмадҷон Сангинов,**

**Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон**

**Душанбе – 2008**

ББК92 Я2+81.2 Тоҷик – 4 +81.2 Форс – 4
Ф-41

**Тартибдиҳандагон:**
С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода

**Иштирокдорони таҳрир ва такмили аввал:**
С. Назарзода, С.Сабзаев
М.-Ҳ. Султон, О. Қосимов, С. Матробов,
М. Музафаршоев, О.Саидҷаъфаров, Қ.Тӯраҳасанов.

**Иштирокдорони таҳрири ниҳоӣ:**
С. Назарзода, С. Каримов, М.-Ҳ. Султон, А. Сангинов
Ҳамгунсозӣ ва коркарди фарҳангнигорӣ: С. Холматова, С. Каримов

**Таҳрири назоратӣ:** Ғ. Қодиров, С. Холматова

Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ беш аз 80 ҳазор вожаву ибора ва таркибҳои забони тоҷикиро фаро гирифта, аз лиҳози сохтор калимаву таркиб ва истилоҳоти ҳам давраи классикии инкишофи забон ва ҳам давраи муосири рушди онро дар бар гирифтааст.

Дар охири фарҳанг мифтоҳи арабӣ замима шудааст.

Фарҳанг барои истифодаи доираи васеи хонандагон пешбинӣ мешавад.

**Тасҳеҳот:** И. Мискинов, Ч. Назаршоева,
С. Некбахтшоева, Г. Усмонова, О. Мирзоева

**Чопи компютерӣ:**

а) бо хати кириллиасос: Ч. Назаршоева, Н. Ашӯрова, О. Мирзоева, С. Некбахтшоева, Г. Усмонова, М. Раҷабова, Ш. Назарзода, М. Носирова, А. Шералиева;

б) бо хати арабиасос: И. Мискинов, Г. Усмонова, О. Қосимов, М. Музофиршоев, С. Матробов.

ISBN 978-99947-715-5-4 (ҷ.2)
ISBN 978-99947-715-7-8

***©Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008***

# О

**О** I *ҳарфи нуздаҳуми алифбои ҳозираи тоҷикӣ; дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ дар аввали калима ба шакли алифи мамдуда* (آ) *омада, дар миёна ва охири калима ба шакли алиф* (ا) *навишта мешавад; дар ҳисоби абҷад ба адади 1 баробар аст; дар навишти имрӯзии калимаҳои арабиасл ба воситаи таркиби* **айн** *(ع) ва* **алиф** *(ا) ифода мегардад*: обид – عابد, маонӣ – معانی, муддао –مدعا.

**О** II آ *нидо* эй!, ҳон!.

**О (Й)** (آی) *асоси замони ҳозира аз* **омадан**.

**ОБ** I آب 1. моеи шаффофи беранг, ки дар ҳолати софӣ ва беолоишӣ аз омезиши химиявии як унсури оксиген ва ду унсури ҳидроген иборат аст; **оби маъдан** обе, ки дар таркиби худ маъдан дорад; **оби гарм** *муқоб.* **оби сард**; **оби равон** оби ҷорӣ: *муқоб.* **оби истода; оби хом** оби ноҷӯш, обе, ки онро наҷӯшондаанд; **оби ширгарм** оби нимгарм; **оби ширин** оби софи нӯшокӣ; **оби шифо** оби шифобахш, оби табобатӣ; **оби ях** яхи обшуда, оби хеле сард; **оби ҷӯш** обе, ки дар ҳоли наздик ба ҷӯшидан аст; оби ҷӯшонда, обе, ки ҷӯшонда шудааст; **оби ғӯра** усорае, ки аз ғӯраи ангур тайёр мекунанд; **ба об мондан (чорпоро)** ба обхӯрӣ сар додани чорпо, об додан, об хӯрондан; **об андохтан (ба зарфе)** об пур кардан, об рехтан (*аз зарфе ба зарфе*); **об додан** а) об нӯшондан; б) обёрӣ кардан; **об задан** об пошидан, об афшондан (*ба замин*), обпошӣ кардан; **об зер кардан** *ҷоеро* туғён карда замин ё киштеро пахш кардани оби дарё; **об кардан** а) ба моеъ гардондан, ба об табдил кардан, гудохтан (филизотро); б) чизеро махфиёна фурӯхта пулашро ба киса задан; в) касеро мафтун кардан; **об кашидан** а) об баровардан аз чоҳ; б) обро ҷаббида ба худ гирифтани чизе; **об кашондан** аз ҷое ба ҷое бурдани об бо чалак, машк *ва г.*; **об пошидан** *ниг.* **об задан**; **об рехтан (ба дасти** *касе*) барои дастшӯии касе аз офтоба ё зарфи дигаре об равон кардан; **обро буридан** а) ҷараёни обро қатъ кардан, пеши обро гирифтан; б) ба бар ва ба муқобили ҷараёни об шино карда гузаштан; **об сар додан ба ҷое** об кушодан, об ҷорӣ сохтан ба ҷое, обёрӣ кардан заминеро; **об хӯрдан** а) об нӯшидан (*одам*); б) сероб шудан (*замин*); **аз давлати шолӣ кирмак ҳам об мехӯрад** (*зарб.*). 2. дарё, рӯд; **оби шӯх** дарёе, ки бо шӯру ғалаён равон аст. 3. сиришк, ашк; **оби чашм, оби дида; оби чашм кардан (рехтан)** гиристан, ба гиря омадан; **об чарх задан (дар чашм)** ашк пайдо шудан дар чашм, ҳолати гиря рӯй додан. 4. нутфа, манӣ, оби пушт. 5. *кит.* бавл, шоша, пешоб. 6. мустароҳ, мабраз, обхона. 7. *маҷ.* тароват, тозагӣ; равнақ. 8. обрӯ, эътибор, ҷоҳу манзалат. 9. тоб, тавон. 10. симоб, ҷева, зайбақ. 11. шарму ҳаё: **оби ангур** шираи ангур, шароб; **оби бинӣ** луобе, ки аз димоғи кас мебарояд; **оби дандон** як нав ширавор, чақ-чақи дандон: **оби дарё** обе, ки дар дарё ҷорист, обе, ки аз дарё гирифта шудааст; **оби даҳон** моеи луобдоре, ки аз ғуддаҳои даҳон мебарояд; **оби зери коҳ** *киноя аз* касе ки худро дар зоҳир сода, некӯкор нишон медиҳаду дар ботин фитнаангез ва маккор аст; **оби зиндагӣ** а) мувофиқи ривоёт чашмае, ки нӯшандаи оби он гӯе зиндагии абадӣ меёфтааст; б) оби дарёе, ки ба заминҳо таровату ободӣ мебахшад; **оби набот** а) қиёме, ки баъд аз шӯша бастани набот дар деги наботпазӣ таҳнишин мешавад; б) навъе аз ҳалво, ки аз орду шакар мепазанд; **оби никоҳ** *д.* обе, ки вақти хондани хутбаи никоҳ дар зарфе пеши мулло мегузоранд ва баъд онро ҷавонон бо нияти нек меошоманд; **оби явғон** хӯроки обакии бегӯшт; **оби Хизр** *кит., ниг.* **оби зиндагӣ; оби ҳаёт//оби ҳайвон** *ниг.* **оби зиндагӣ; оби ҷав** пиво; **обу оташ** ду чизи сахт ба ҳамдигар зид, ду чизи оштинопазир; **обу ранг** зебоӣ, ҳусн, латофат; **обу ранги сухан** бадеият дар сухан, ҷозиба ва асари сухан; **обу таом** хӯрок, хӯрданӣ; **обу тоб** ҷило, сафо, дурахшонӣ, тароват; **обу тоб ёфтан**

нашъу намо кардан, пухта шудан, обдида шудан (*мас.*, *пӯлод*); **обу ҳаво** маҷмӯи ҳодисаҳои атмосферӣ (*хунукӣ, гармӣ, фишори ҳаво ва г.*); шароити иқлими ҷое; **об аз сар гузашт** аз ҳадди чораю тадбир гузаштани кор; **об, ки аз сар гузашт, чи як ваҷаб, чи сад ваҷаб** (*зарб.*); **об аз сар лой будан** а) гилолуд ва тира будани об аз саргаҳи он; б) *киноя аз* ноқису нодуруст будани коре аз ибтидо ва оғози он; ◊ **обашон ба як ҷӯй намеравад** бо ҳамдигар созиш надоштани ду чиз ё ду кас, бо ҳам созгорӣ надоштани ду чиз ё ду кас; ◊ **об ба лаби ҷӯй баробар шудан** ба ҳоли пештарааш даромадани коре; **об баровардан (ба ҷое)** ҷорӣ сохтани об ба ҷои собиқан беоб; **об аз ҷигар бахшидан** чизе ато кардан, чизе бахшидан ба касе; **об дар ҷигар надоштан** сахт мӯҳтоҷу фақир будан; ◊ **об аз даст начакидан** *касеро* сахт хасису мумсик будан; **об бар оташи** *касе* **рехтан** хашми касеро фурӯ нишондан; **об ба ҳован кӯфтан** кори беҳуда ва абас кардан; **об гирифтан** обдору ширадор шудан (*дар бораи мева*); **об гузаштан** (*аз либос ба тан, аз пойафзор ба по*) тар шудан; **оби** *чизе* **гурехтан** (*аз чизе, мевае ё гуле*) таровати худро гум кардан, тару тозагии худро аз даст додан, хушк ва фарсуда шудан; **об давидан ба устухони** *касе* нашъунамо ёфтан, калонҷуссаву тануманд шудан; **об карда хӯрдан** чизеро нағз донистан, чизеро пурра аз худ кардан; **об шудан** а) ба об мубаддал шудани ягон ҷисми сахт (*ях, филиз*); б) лоғар ва хароб шудан, аз гӯшт фуромадан; в) мафтун, мутаҳаййир шудан дар асари чизе; **оби даҳан рафтан** *ниг.* **даҳан об кушодан; оби рафта ба ҷӯй боз омадан** боз ба даст даромадани давлат, ба бахту иқбол аз нав расидан; **оби таҳорат додан** а) ба касе барои таҳорат об додан; б) дар мавриди ба меҳмонӣ даъват кардан аз рӯи хоксорӣ гуфта мешавад; **об рехтан ба сари** *чизе* (*касе*) сарф кардан, нобуд кардан, сабаби нобудшавии чизе ё касе гардидан; **обро лой кардан** а) оби зулолу софро тира сохтан; б) миёни мардум шӯру фитна ангехтан; в) кореро қасдан чигилу сарбаста кардан (*барои пинҳон доштани сирри худ*); **обро надида мӯза кашидан** а) нафаҳмидаву насанҷида ба коре сар кардан, бемулоҳиза коре кардан; б) дар иҷрои коре шитоб кардан; **обро пуф карда хӯрдан** хеле боэҳтиёт рафтор кардан, эҳтиёткор будан; **обу адо шудан** а) азоб кашидан; б) дар ғам ва ҳасрати касе сӯхтан ва лоғару нотавон шудан; **обу лой кардан** (*чизеро*) чизеро (*мас.*, *моли дуздиро*) ҷобаҷо ва пинҳон кардан ё пинҳонӣ фурӯхта пул кардан; **обу равған кардан (ошро)** зирбаки ошро тайёр кардан; **обу такфин кардан** мурдаро шустан ва ба кафан печондан; **ба дасти** *касе* **об рехта натавонистан** а) лаёқати хизмати касеро надоштан; б) дар коре ба касе баробар шуда натавонистан, дар ҳунар, кор ва ҳоказо аз замин то осмон фарқ доштани ду кас; **ба рӯи об баровардан** *чизеро* фош кардан, равшану бармало намудан; **ба даҳон об гирифтан** хомӯш истодан, гап назадан, сукут кардан; **дар обу арақ ғӯтидан** а) сахт арақ кардан, аракшор шудан; б) сахт дар хиҷолат мондан, шармсор шудан; **даст ба об (хок) кардан** қазои ҳоҷат кардан; **даҳон об кушодан** ҳавас рафтан ба чизе, рағбат ва иштиёқи аз ҳад зиёд пайдо шудан дар кас ба чизе, дил гум задан ба чизе; **дили (ҷигари)** *касеро* **об кардан** а) сахт мутаассир кардан; б) ғамгин ва маҳзун гардонидан; **дил об хӯрдан ба** *касе* эътимод доштан ба касе, мавриди боварӣ қарор гирифтан ба касе; **думчаи** *касе* **об гирифтан** *касеро*; а) қувватнок шудан, ҷон гирифтан; б) ҳавобаланд шудан; **зери обу арақ мондан** а) арақ кардан; б) аз хиҷолат ва шарм сахт арақрез шудан; **майна об кардан (***дар бораи чизе***)** фикри амиқ кардан, сахт фикр кардан; **худро ба обу оташ задан** барои расидан ба мақсаде аз ҳеҷ кори душвору хатарнок сар напечидан; **оби дари хона қадр надорад** (*зарб.*) чизи дастрас беқадр аст.

**ОБ** II آب *кит.* моҳи ёздаҳуми румӣ, ки ба моҳи август баробар меояд.

**ОБАК** آبک 1. *шакли тасгири* **об**. 2. симоб. 3. *тиб.* обила.

**ОБАКӢ** آبکی он чи монанди об аст, моеъ, тунук; *муқоб.* **ғализ** *ва* **ғафсоб.**

**ОБАКОН** آبکان *тиб.* касалии бачагонае, ки бар асари он дар бадан доначаҳои майда мебарояд.

**ОБАНБОР** آب انبار махзани об, ҳавз ё кӯли сунъие, ки дар он обро ҷамъ ва аз он ҷо тақсим мекунанд.

**ОБАНБОШТ** آب انباشت *кит.* 1. захира ва пур кардани об дар махзанҳои бузурги рӯизаминӣ ва зеризаминӣ барои истифодаи минбаъда, обанбор. 2. иншооти махсус барои захира кардани оби обёрӣ ва кам кардани хавфи селобҳо.

**ОБАНДОЗ** آبانداز обпош, асбоби обандозӣ.

**ОБАНДОЗӢ** آبندازی об андохтан ба зарф ё чизи дигар; ҷамъоварии об дар ҳавзу обанборҳо барои истифодаи минбаъда.

**ОБАНДОМ** آباندام *мач.* обпайкар, нозукандом, латифбадан.

**ОБАФКАН** آبافکن муҳаррики обафкан, дастгоҳи обпошӣ.

**ОБАНҶИР** آب انجیر обе, ки дар он анҷири қоқ ва хушкро меҷӯшонанд ва он хусусияти табобатӣ дорад.

**ОББАДАЛ** آب بدل муовизаи об, табдили об.

**ОББАНД** آب بند 1. он ки дар пеши об банд ё дарғот месозад. 2. банд, дарғот.

**ОББАР** آب بر 1. он ки об мебарад, обкаш, машкоб. 2. *мач.* маъшуқ, ки тавассути ҳуснаш обрӯи ошиқи худро зери хавфи коҳиш мегузорад. 3. *тех.* облӯла, лӯлаи обрасонӣ, қубури обгузар.

**ОББАРДОР** آببردار 1. обро ба худ гиранда, он чи зиёд об талаб мекунад, обталаб; **биринҷи оббардор.** 2. *ниг.* **обчинак**.

**ОББАРДОРӢ** آببرداری 1. обкашӣ, машкобӣ. 2. об бардоштани чизе (*мас.*, *биринҷ*).

**ОББАРДОШТА** آب برداشته рахнае, ки бо фишор ё ҷараёни об ба амал омадааст, оббурда, обшуста (*мас.*, *дар банди об ё замин*).

**ОББАРО** آب برا ҷои баромади об, ҷое, ки об аз он ҷорӣ мешавад.

**ОББАҲО** آب بها *кит.* музди об, пули об.

**ОББО** آبّا *нидо*, *лаҳҷ.* изҳори тааҷҷуб ва афсӯс.

**ОББОЗ** آب باز шиновар, ғаввос, обдон, оббур.

**ОББОЗИДОРӢ** آب بازیداری оббозӣ доштан (*мас., кӯдакро, беморро ва г.*)

**ОББОЗӢ** آببازی шиноварӣ, оббурӣ; **оббозӣ кардан** ба об даромадан ва шустушӯ кардан, шино кардан.

**ОББУР** آب بر 1. *ниг.* **оббоз**. 2. бахши пеши пояҳои пулу купрукҳо муқобили ҷараёни об, ки нӯгтез буда, мавҷҳои обро тақсим карда, фишори обро бар сутуни пояҳо суст мекунад.

**ОББУРДА** آب برده 1. ҷои рахна карда хокро шуста бурдаи об, ҷои обшустаи дарғот. 2. ҷар, ҷарӣ, сой.

**ОББУРӢ** آب بری обро бурида гузаштан, шиноварӣ.

**ОБВАРЗ** آب ورز обдон, оббоз, шиновар.

**ОБВАРЗӢ** آب ورزی оббозӣ, шиноварӣ.

**ОБГАЗ** آبگز осебдида ва зарардида бар асари муддати зиёд зери об мондан.

**ОБГАРДИШ** آب گردش 1. хамгашт (-и дарё). 2. гирдоб. 3. тағйири мусбат ва ё манфии табдили иқлим ба саломатӣ; нотобӣ бар асари табдили иқлим. 4. *кит.* тезрафтор, хушрафтор.

**ОБГАРДОН** آبگردان обгираки калони дастадор, ки бо он аз зарфҳо об мегиранд, дӯлчаи дастадор, чойкаш: обгардон кардан бо об чайқондани чизеро (*мас. пиёла, либос ва г.*).

**ОБГАРДОНЧА** آبگردانچه обгардони хурд, чумча.

**ОБГАРӢ** آبگری *кит.* об додани теғ, ханҷар *ва г.*

**ОБГАРМКУН(АК)** آبگرمکن//آبگرمکنک асбоби махсусе, ки бо қувваи барқ *ва г.* обро гарм мекунад.

**ОБГАРМКУНАНДА** آب گرمکننده он ки ва ё он чи обро гарм мекунад.

**ОБГАРОӢ** آبگرائی гароиш ба сӯи об, майли об кардан (*мас., решаи гиёҳҳои обдӯст*).

**ОБГИНА** آبگینه 1. шиша; булӯр. 2. суроҳӣ ва пиёлаи булӯрин. 3. оина. 4. *мач.* шароб, май, бода; ◊ **обгина шикастан** оби дида рехтан.

**ОБГИНАГАР** آبگینه گر шишагар, устои шишарез.

**ОБГИНАГУҲАР** آبگینهگهر 1. аз шиша сохташуда, булӯрин. 2. *мач.* шахси дорои асолати хонаводагӣ ва нажодӣ.

**ОБГИНАРАНГ** آبگینهرنگ шишамонанд; ◊ **фалаки обгинаранг** осмони кабуд.

**ОБГИНАХОНА** آبگینهخانه хонаи шишагӣ ё булӯрӣ; ◊ **(ин) обгинахонаи гардун** осмон.

**ОБГИНАҲИСОР** آبگینهحصار 1. қалъаи шишагӣ. 2. *мач.* паноҳгоҳи ноустувор ва зуд вайроншаванда.

**ОБГИР** آبگیر 1. ҷои махсус дар сари чашма ва рӯдҳо барои об гирифтан, истахр, кӯл. 2. зарф барои об гирифтан аз ҷое. 3. зарфи гулоб, атрдон.

**ОБГИРАК** آبگیرک *ниг.* **обгир** 2.

**ОБГИРӢ** آبگیری гирифтани об аз ҷое; **ҷумаки обгирӣ** ҷумак, кран барои об гирифтан аз лӯлаи об *ва г.*

**ОБГОҲ** آبگاه 1. ҷои об, ҷои гирифтан ё нӯшидани об, обишхӯр. 2. холигоҳ, тиҳигоҳ. 3. *биол.* мезакдон, масона, пешобдон.

**ОБГУЗАР** آبگذر 1. гузаргоҳ ҷои гузаштан ва ҷорӣ шудани об, маҷро, роҳи дарё. 2. ҷое, ки обро ба воситае ба тарафе мегузаронанд: **накби обгузар**. 3. он чи аз худ об мегузаронад, таршаванда (*либос, кафш*).

**ОБГУЗАРОНӢ** آبگذرانی 1. об гузарондан аз ҷое ба ҷое. 2. қобилияти обро ба воситаи худ гузарондан (*мас., хок*).

**ОБГУЗАШТА** آبگذشته *сифати феълии замони гузашта аз* **об гузаштан;** 1. ҷое ё ашёе, ки аз он об гузаштааст, намнок, тар: **девори обгузашта**. 2. он ки аз об гузаштааст.

**ОБГУН** آب گون 1. ба монанди ранги об, обранг; кабудтоб, кабуд; сабз. 2. тобон, баррок; ҷилодор.

**ОБГУРЕЗ** آبگریز 1. нова, тарнов, ҷой барои ҷорӣ шудани об; қубур, лӯла. 2. ҳавз ва чуқуриҳое, ки дар гузашта махсусан барои аз ҳар сӯ ҷорӣ шуда рехтани оби барфу борон месохтанд.

**ОБГУРЕЗДОР** آبگریزدار маҳал ва роҳҳое, ки обгурез доранд.

**ОБГУРЕЗӢ** آب گریزی вазъ ва ҳолати **обгурез** 2.

**ОБГӮШТ** آبگوشت 1. обе, ки дар он гӯшт пухта шудааст. 2. як навъ хӯрок, ки аз гӯшт, картошка, нахӯд *ва г.* тахия мешавад, як навъи шӯрбо.

**ОБГӮШТӢ** آبگوشتی 1. *мансуб ва марбут ба* **обгӯшт**. 2. муносиб барои таҳияи обгӯшт.

**ОБҒАЛТ** آبغلت хамгашти оби дар ҷараён.

**ОБДАВ** آبدو нишебӣ ё пастхамие, ки об аз он ҷорӣ мегардад, ҷӯйча; **обдави бом** тарзи сохтани сатҳи бом, ки оби барфу борон аз ҳама тараф ба новадон равон мешавад.

**ОБДАВАК** آبدوک *зоол.* канаи обӣ, канае, ки рӯ-рӯи об шино мекунад.

**ОБДАНДОН** آبدندان *кит.* 1. як навъ ширинӣ. 2. як навъ амруди ширини обдор. 3. навъе аз анор, ки дона надорад, анори бедона. 4. ҳалвои бисёр латиф ва хушхӯр. 5. *маҷ.* нарм, мулоим. 6. *маҷ.* ҳарифи гӯл, содалавҳ, зуд мағлубшаванда (*дар қимор*).

**ОБДАРМОНӢ** آبدرمانی *нав., тиб.* табобат ва муолиҷаи баъзе бемориҳо

**ОБДАРО** آبدرا ҷои ҷорӣ шуда даромадани об, гузаргоҳи об, обмӯрӣ.

**ОБДАСТ** آبدست 1. обе, ки бо он дасту рӯй мешӯянд. 2. шустушӯй, таҳорат, вузу. 3. таҳорат, тардастӣ, чобукӣ.

**ОБДАСТА** آبدسته *ниг.* **офтоба**.

**ОБДАСТАГАРДОН** آبدسته گردان **:обдастагардон кунондан** яке аз тарзҳои ёфтани дузд бо роҳи таъсир ба ҳиссиёти тарси одаме, ки мавриди бадгумонӣ воқеъ гардидааст.

**ОБДАСТӢ** آبدستی *кит.* чобукӣ, моҳирӣ, устоӣ.

**ОБДАСТОН** آبدستان *кит.* офтоба, обдон, ибриқ.

**ОБДИДА** آبدیده ҷавҳардода, обдода, ҷилодода.

**ОБДИҲӢ** آبدهی об додан, таъмини об, обрасонӣ.

**ОБДОҒ** آبداغ чаманзори соҳили дарё, ки баъзан аз маҷрои об боло мемонад.

**ОБДОДА** I آب داده обутобёфта, обутоб додашуда (*пӯлод*), ҷавҳардор, тез.

**ОБДОДА** II آب داده обёришуда, шодобшуда (*замин*).

**ОБДОН** I آبدان 1. зарфи об, митҳара 2. обхӯра барои мурғон, ки ба қафас гузоранд.

**ОБДОН** II آبدان шиногар, оббур; касе ки гузаргоҳи дарёро медонад.

**ОБДОР** I آبدار 1. обомехта: **барфи обдор.** 2. сершира, шодоб, хушоб: **харбузаи обдор, себи обдор**. 3. фасеҳ, равон, пуртаъсир, маънидор: **шеъри обдор, сухани обдор, садои обдор.** 4. об додашуда, ҷавҳардор, тез, буранда: шамшери обдор, теғи обдор. 5. базарба, сахт, кашидаву кушода, задашуда: тарсакии обдор, **тозиёнаи обдор.** 6. дурахшон, соф, беғубор: **алмоси обдор, дурри обдор.** 7. сахт, нешдор: **дашноми обдор; чашми обдор** чашми зинда, ҷаззоб, мехрангез.

**ОБДОР** II آبدار мутасаддии обёрии кишт, обмон.

**ОБДОРӢ** آبداری 1. об додан ба кишт, об мондан, обёрӣ; **обдорӣ кардан** об мондан ба кишт. 2. хушобӣ, тарутозагӣ.

**ОБДУЗД** آبدزد 1. он ки бе риояти навбат, пинҳонӣ обро ба кишти худ ҷорӣ мекунад; **обдузд гирифтан** *киноя аз* кори ношоями касеро кашф кардан. 2. рахнаи ноаёни зеризаминӣ, ки об ба он фурӯ меравад.

**ОБДУЗДАК** آبدزدک 1. олат барои об кашидан, тулумбаи дастӣ. 2. *тиб*. сӯзандору. 3. *ниг*. **обчинак**.

**ОБДУЗДӢ** آبدزدی кори обдузд, бе навбат ҷорӣ кардани об ба кишти худ.

**ОБДӮҒ** آبدوغ дӯғ, мости беравған, дӯғоб.

**ОБДӮСТ** آبدوست 1. вижагии маводе, ки ҷиҳати ҳал шудан ба об тамоюли зиёд дорад. 2. чизе ё касе ки обро зиёд дӯст медорад (*мас*., *биринҷ, гаввас*).

**ОБДӮСТӢ** آب دوستی обдӯст будан.

**ОБЁР** آبیار 1. оброн, обёрикунанда, обҷорикунанда ба кишт; **обёр шудан** об хӯрдан, сероб шудан (*замин*).

**ОБЁРИКУНАНДА** آبیاری‌کننده *ниг*. **обёр**.

**ОБЁРИШАВАНДА** آبیاری‌شونده сифати феълии замони ҳозира аз обёрӣ шудан, замин ва маҳалли мавриди обёрӣ.

**ОБЁРӢ** آبیاری 1. об додан ба кишт; обдиҳӣ. 2. обёришаванда; **низоми обёрӣ; обёрӣ кардан** об додан, бо об таъмин кардан, сероб кардан; **обёрӣ шудан** об хӯрдан, сероб шудан, об гирифтан (*аз ҷӯйборе, наҳре*).

**ОБЗАН** آبزن 1. он ки ҷоеро об (*мас., бо мақсади хомӯш кардани оташ*). 2. *маҷ*. таскиндиҳанда, тасаллибахш. 3. тағораи калони баробари қади одам, ки беморонро дар он бо оби гарми дорунок шустушӯй ва муолиҷа мекарданд. 4. ҳавзча.

**ОБЗО** آبزا *кҳн*. ҳидроген.

**ОБИД** I *а*. عابد *д*. ибодаткунанда, худоҷӯй, зоҳид.

**ОБИД** II *а*. آبد ваҳшӣ, даранда (ҳайвон).

**ОБИДА** *а*. آبده ҳайкали ёдгорӣ.

**ОБИДФИРЕБ** عابدفریب *кит*. фиребандаи обиду зоҳид, зоҳидфиреб.

**ОБИКОРӢ** آبی کاری кишти обӣ, зироаткорӣ дар замини обёришаванда.

**ОБИЛА** آبله 1. варами обгирифта ва қублазадаи пӯст аз сӯхтагӣ, судашавӣ, қубла; **обила кардан** варами обдор баровардан, қубла задани даст, по *ва г*. 2. *тиб*. бемории сироияткунанда, ки дар бадан доначаҳои риму фасоддор пайдо мешаванд, нағзак, чечак.

**ОБИЛАГУЗАРОНӢ** آبله‌گذرانی дору задан барои пешгирӣ аз обила, нағзак задан, обилакӯбӣ.

**ОБИЛАДОР** آبله‌دار 1. он чи обила (қубла) дорад: **дасти обиладор**. 2. он ки дар рӯяш осори обила ҳаст, парзадарӯй.

**ОБИЛАДОРӢ** آبله‌داری обила доштан, нағзак доштан.

**ОБИЛАЗАДА** آبله زده обиладор, қубладор: **дасти обилазада**.

**ОБИЛАЗОР** آبله زار пуробила, серобила, бадане, ки обилаву нағзаки зиёд дорад.

**ОБИЛАКӮБӢ** آبله‌کوبی *ниг*. **обилагузаронӣ**.

**ОБИЛАПО** آبله‌پا он ки аз бисёр роҳ гаштан пояш обила кардааст.

**ОБИЛАРЕЗ** آبله ریز пуробила, серобила.

**ОБИЛАРӮ(Й)** آبله‌رو(ی) парзадарӯй, доғи нағзакдор.

**ОБИЛАФАРСО** آبله‌فرسا *кит*. обиладор, обиланок.

**ОБИНАБОТ** آبنبات 1. номи ҳалво. 2. навъе аз харбуза; **харбузаи обинабот** навъи хеле ширини харбуза.

**ОБИРАНГ//ОБРАНГ** آبی‌رنگ//آبرنگ ба ранги об, *маҷ*. кабудранг.

**ОБИС** I *а*. عابث *кит*. абаскор, беҳудакор, ҳарзакор.

**ОБИС** II *а*. عابس *кит*. туршрӯй.

**ОБИСТАН** آبستن *тиб., кҳн*. ҳомила,мезанад, обпош бордор, дуҷон.

**ОБИСТАНӢ** آبستنی *кҳн*. давраи ҳомилагӣ, бордорӣ, дуҷонӣ.

**ОБИШТАНГОҲ** آبشتنگاه обхона, мабраз, халоҷо.

**ОБИШХӮР//ОБИШХАР//ОБИШХОР** آبشخور//آبشخوار 1. ҷои обхӯрӣ ё обгирӣ дар лаби ҳавзу наҳр, обхӯра. 2. ҷои истиқомат, макон, манзил. 3. *маҷ.* қисмат, насиб; рӯзӣ, ризқ.

**ОБИҶӮШФУРӮШӢ//ОБҶӮШФУРӮШӢ** آبجوشفروشی//آبجوشفروشی об ҷӯшонда фурӯхтан дар бозорҳо ва дар сари роҳҳо ҷиҳати эҳтиёҷоти гуногун.

**ОБӢ** I آبی 1. *мансуб ба* **об**. 2. замини обёришаванда; *муқоб.* **лалмӣ**; **шавад, обӣ, нашавад, лалмӣ** (*зарб.*). 3. дар об зиндагӣ кунанда ё дар об рӯянда; *муқоб.* **хокӣ**; **парандаи обӣ, савсани обӣ; наклиёти обӣ** васоили мусофирбарӣ ва боркашонӣ ба воситаи об, киштӣ, *ва г.*; **роҳи обӣ** дарё, ба воситаи наҳр, баҳр, уқёнус ҳамчун василаи рафтуой ва боркашонӣ. 4. кабуд, осмонӣ (ранг).

**ОБӢ** II آبی *кит.* биҳӣ.

**ОБЙЕКТ** آبئیکت 1. *фалс.* он чи дар хориҷ аз мо ва берун аз ихтиёри мо вуҷуд дорад, олами берунӣ, олами ҳастӣ. 2. ҳодиса ва ашёе, ки фаъолияти инсонҳо ба он нигаронда шудааст. 3. мавзӯи мавриди баҳс. 4. муассиса, корхона, сохтмон *ва г.*, ки маҳалли фаъолият ва кори одамон аст.

**ОБЙЕКТИВ** آبئیکتیو *физ.* шишаи (ё якчанд шишаи) пешин дар дастгоҳҳои оптикӣ (*дастгоҳи аккосӣ, заррабин ва г.*); чашми дастгоҳи аккосӣ *ва г.*

**ОБЙЕКТИВИЗМ** آبئیکتیویزم *фалс.* обйективияти мафҳум, назарияи хилофи моддагирой, ки мувофиқи он ҳодисаҳои воқеӣ гӯё зарурати таърихӣ буда, ғайри қобили таъсир мебошанд.

**ОБЙЕКТИВӢ** آبئیکتیوی 1. *фалс.* он чи хориҷ аз мо ва иродаи мо мавҷуд аст: **воқеияти обйективӣ; сабаби обйективӣ**. 2. мунсифона, беғаразона, бетарафона 3. холисӣ, беғаразӣ дар баҳо додан ба чизе ё муҳокима рондан дар бораи чизе.

**ОБЙЕКТИВОНА** آبئیکتیوانه холисона, беғаразона, бетарафона.

**ОБКАДУ** آب‌کدو кадуи калони дарунхолӣ барои обгирӣ ва обнигаҳдорӣ.

**ОБКАНД** آبکند *ниг.* **обканда**.

**ОБКАНДА** آبکنده замине, ки об онро канда чуқур кардааст, ҷои оббурда, селроҳа; мағок, ҷарӣ.

**ОБКАШ** آبکش 1. обкашон, машкоб. 2. дастгоҳи махсус барои об баровардан аз чоҳ, кӯл *ва г.* 3. ҷабандаи оби чизе; **коғази обкаш** коғаз ё пахтае, ки обро ҷаббида ба худ мегирад; **биринҷи обкаш**.

**ОБКАШАК** آبکشک 1. чӯби камоншакли ду нӯгаш чангакдор барои обкашонӣ. 2. насос барои об баровардан. 3. *ниг.* **обчинак**.

**ОБКАШИДА** آبکشیده намгирифта, тар.

**ОБКАШӢ** آبکشی 1. обкашонӣ. 2. об баровардан ба ҷое ба воситаи тулумба: **насоси обкашӣ**.

**ОБКАШОНӢ** آبکشانی обкашӣ кардан, машкобӣ.

**ОБКИШТ** آبکشت *кишов.* сабзондан ва рӯёндани гиёҳҳо дар маҳлулҳои обии ғизодор ба ҷои хок.

**ОБКОМА** آبکامه нонхӯриш, ки аз ҷурғот, шир, тухми сипанд, хамири хушк ва сирко тайя мегардад.

**ОБКОР** آبکار 1. обкаш, саққо, машкоб. 2. шаробхӯр, майнӯш. 3. майфурӯш, бодафурӯш.

**ОБКОСТ** آبکاست камобӣ, кам шудани об, костагии об.

**ОБКУРТА** آبکرته боронӣ, нимтана, камзӯл.

**ОБКӮР** آبکور 1. он ки мардум аз нону намаки ӯ баҳравар намешавад. 2. намакношинос, кӯрнамак.

**ОБҚАНД** آب قند обе, ки дар он қандро ҳал карда менӯшанд, қандоб.

**ОБЛУҶ//ОБИЛУҶ** آبلوج қанд, набот; калақанд.

**ОБМОН** آبمان обёрикунандаи кишт, он ки ба кишт об сар медиҳад.

**ОБМОНӢ** آبمانی обёрӣ, об додан ба кишт.

**ОБМӮРӢ** آبموری равзанаи обгузарон, ҷои гузариши об: **обмӯрӣ аз об калон** (*мақ.*).

**ОБНАБОТ** آب نبات навъи ширинӣ, ки булӯршакл буда аз шакари обшуда ва маводи иловагӣ таҳия мешавад.

**ОБНАМАК** آب نمک обе, ки дар он намак хобонда шудаст, оби намак.

**ОБНАМО** آب نما *нав.* ҳавзҳои на он қадар чуқури зинатӣ дар назди иншоот ва биноҳо.

**ОБНАРАСИДА//ОБНОРАСИДА** آبنرسیده// آبنارسیده 1. хушк, тарнашуда; **кӯзаи обнарасида** кӯзаи нави обногирифта. 2. *маҷ.* тару тоза, нав, **хабари обнарасида** хабари тоза, хабари кас ношунида, хабари шоеънашуда.

**ОБНИГОРӢ** آب نگاری *ҷугр.* илм дар бораи андозагирӣ ва тавсифи хусусиятҳои оби обанборҳо, дарёву рӯдҳо ва назорату пажуҳиши онҳо.

**ОБНОБАРДОР** آب نابردار **:биринҷи обнобардор** биринҷе, ки ҳангоми палавпазӣ обро кам мекашад; *муқоб.* **биринҷи оббардор**.

**ОБНОГИР** آب ناگیر *ниг.* **обногузар**.

**ОБНОГУЗАР** آب ناگذر он чи ки аз қабати он об намегузарад, он чи ки об ба он нуфуз карда наметавонад; **мӯзаи обногузар**.

**ОБНОК** آبناک 1. обомехта. 2. *ниг.* **обдор** 2.

**ОБНӮС** آبنوس 1. дарахте, ки дар мамлакатҳои гарм мерӯяд ва чӯби гаронбаҳои сиёҳ ва сахту вазнин дорад. 2. *киноя аз* ҳар чизи тира ва сиёҳ; **пардаи обнус** торикии шаб.

**ОБНӮСӢ** آبنوسی 1. аз чӯби дарахти обнӯс сохташуда. 2. *маҷ.* сиёҳ, сиёҳчурда.

**ОБНӮСРАНГ** آبنوس رنگ *маҷ.* сиёҳранг.

**ОБО** *а* آبا *ҷ.* **аб**; падар, падарон, аҷдод, гузаштагон; **обову аҷдод** падарон ва бобоён.

**ОБОВАРД** آب آورد он чи онро об овардааст, хасу хошоке, ки ҷӯй ё селоб бо худ овардааст.

**ОБОД** آباد 1. маъмур, ободон, иморатшуда; *муқоб.* **вайрон**, **хароб**. 2. киштшуда, зироатшуда: **водии обод, замини обод**; **обод кардан** маъмур кардан, корам кардан, шукуфон кардан; **обод гардидан (шудан)** маъмуру иморатдору сераҳолӣ шудани ҷое; кишт ва корам шудани замине. 3. басомон, батартиб, хушнамуд, зебо. 4. *ба охири номҳо илова шуда, маконро ифода мекунад*: **Зафаробод**, **Тоҷикобод**.

**ОБОДГАР** آبادگر он ки ҷоеро обод мекунад, ободкунанда.

**ОБОДӢ** آبادی 1. ободонӣ; *муқоб.* **вайронӣ, харобӣ.** 2. ҷои обод, аҳолинишин (*мас.*, *деҳ*, *шаҳр*).

**ОБОДКУНӢ** آباد کنی *исми амал аз* **обод кардан**.

**ОБОДНИШИН** آبادنشین он ки дар ободӣ сокин шудааст, сокини ҷои обод.

**ОБОДОН** آبادان *ниг.* **обод**.

**ОБОДОНИДАН** آبادانیدن обод кардан.

**ОБОДОНӢ** آبادانی 1. ободӣ, маъмурӣ, ободшудан. 2. ҷои иморатдору аҳолинишин, ҷойҳои иборат аз деҳоту қишлоқҳо.

**ОБОДСОЗӢ** آبادسازی обод кардан, созандагӣ, ободкорӣ.

**ОБОЙ** آبائی падарӣ, аҷдодӣ, авлодӣ.

**ОБОЛУД** آب‌آلود тар, нам, обдор, мартуб: **лойи оболуд**.

**ОБОН** آبان моҳи ҳаштуми соли шамсӣ, ки мутобиқ бо моҳи дуюми тирамоҳ (аз 23 октябр то 21 ноябр) аст.

**ОБОНМОҲ** آبان ماه *ниг.* **обон**.

**ОБОШНО** آب‌آشنا *киноя аз* **шиновар**; оббоз, оббур.

**ОБПАЗ** آب پز тавассути об ва бухори он (бидуни равған пухтани чизе).

**ОБПАЙКАР** آب پیکر *ниг.* **обандом**.

**ОБПАР** آب پر ҷои обфаро, обшор, шаршара.

**ОБПАРТО(В)** آب پرتا(و) 1. хандақ ё чуқурии махсус барои ҷорӣ сохтани обҳои ифлос, заҳкаш. 2. ҷӯй барои ҷорӣ сохтани обҳои нодаркору зиёдатӣ, сохтмони махсус дар бандҳо ва махзанҳои об барои ҷорӣ кардани оби зиёдатӣ.

**ОБПОШ** آب پاش обпошанда, он ки ва он чи ба замин, боғча ё кӯча об мепошад: **мошини обпош**.

**ОБПОШАК** آب پاشک олати тунукагии дастадори нӯлдароз, ки бо он ба боғча ва гулзор об мепошанд.

**ОБПОШАКБОЗӢ** آب پاشک بازی бозии бачагона бо об.

**ОБПОШӢ** آب پاشی исми амал аз об пошидан; пошидани об бо обпошак, бел, мошина *ва г.*

**ОБРАВ** آبرو 1. гузаргоҳи об, роҳи ҷоришудани об. 2. *тиб.* як навъ бемории чашм, ки чашми

мубталои он варам карда, сурх шуда, аз он мудом об мерезад; **чашми обрав *ё* обравак**.

**ОБРАЗ** *р.* آبرز 1. *адш.* шакл, тимсол, инъикоси умумият додашудаи воқеият, ки дар шакли бадеӣ тасвир ёфтааст; сурат, симо, қиёфа.

**ОБРАЗНОК** آبرزناک бо тимсолҳо тасвиршуда, дорои обуранги бадеӣ, бадеъ.

**ОБРАЗОФАРӢ** آبرز آفری образ офаридан, ба воситаи образ тасвир кардан.

**ОБРАНГ** آبرنگ ранги обӣ, кабудранг.

**ОБРАСИДА** آبرسیده тар, намнок, мартуб.

**ОБРАСОНӢ** آبرسانی аз як ҷо ба ҷое бурдан ва интиқол додани об.

**ОБРАФТОР** آبرفتار тундрав, тездав, он ки ва он чӣ дар тезравӣ ба об монанд аст.

**ОБРАҲА** آبرهه роҳи об, маҷрои об, гузаргоҳи об, роҳи селрав, селроҳа.

**ОБРЕЗ** آبریز 1. чоҳ, чуқурӣ барои партофтану рехтани обҳои партов (*оби ҷомашӯӣ ва г.*). 2. ҷои рехтан ва резиши об. 3. *кит.* обдаста, офтоба.

**ОБРЕЗАК** ابریزک *ниг.* **обпошак**.

**ОБРОН** آبران назораткунандаи тақсимоти об; обёрикунандаи кишт, миршаб.

**ОБРОНӢ** آبرانی 1. тақсими об, назорати тақсими об, обёрӣ кардани кишт. 2. об кушода ҷорӣ кардан ба ҷое.

**ОБРОҲА** آبراهه *ниг.* **обраҳа**.

**ОБРӮ(Й)** آبرو(ی) эътибор, иззат, шараф, некномӣ; номус; **обрӯи** *касеро* **бардоштан** боиси обрӯмандӣ, қадру эътибори касе шудан, касеро иззатманд кардан; **обрӯи** *касеро* **бурдан** *ниг.* **обрӯи** *касеро* **рехтан; обрӯ доштан** соҳиби қадру эътибор будан; **обрӯ ёфтан** иззат ёфтан, бақадру баэътибор шудан; **обрӯи** *касе* **оби ҷӯй шудан** бадном шудан, шарманда шудан, хеле беқадр ва беэътибор шудан; **обрӯи** *касеро* **рехтан** касеро беобрӯ ва бадном кардан.

**ОБРӮБА(К)** آبروبه//آبروبک хасу хошоке, ки об рӯфта дар ҷое ҷамъ кунад.

**ОБРӮДОР** آبرو دار *ниг.* **обрӯманд**.

**ОБРӮМАНД** آبرومند боиззат, мӯҳтарам, мукаррам, шарафманд.

**ОБРӮМАНДӢ** آبرومندی боиззатӣ, боқадрӣ, боэҳтиромӣ.

**ОБРӮНОК** آبروناک *ниг.* **обрӯманд**.

**ОБСАБЗ(А)** آبسبز(ه) *бот.* растаниҳое, ки дар об мерӯянд.

**ОБСАНҶ** آبسنج *тех.* абзор барои паймоиш ва санҷидани баландии сатҳи об ва миқдор.

**ОБСОЛ** آبسال *кит.* боғ.

**ОБСОФКУНАК** آبصافکنک софӣ, обполо.

**ОБТАҚСИМКУНАК** آبتقسیمکنک *ҷугр.* баландӣ ё кӯҳе, ки ҳавзаҳои якчанд дарёро аз ҳам ҷудо мекунад.

**ОБТАЛАБ** آب طلب ба обёрӣ мӯҳтоҷ, талабгори об, обхоҳ; **обталаб шудан** обхоҳ шудани кишт.

**ОБТАЛОШӢ** آب تلاشی ҷангу ҷанҷол барои гирифтани навбати об.

**ОБТАРОЗУ** آب ترازو олат барои санҷиши вазъи уфуқи хат дар ҳамворӣ, ки дар бинокорӣ ва дуредгарӣ ба кор бурда мешавад.

**ОБТОЗА** آبتازه он чи оби ба дарунаш буда тоза аст; **чилими обтоза**; **обтоза кардан** либоси шусташударо дар охир бо оби тоза чайқондан; покоб кардан.

**ОБУНА** *фр.* آبونه пули яксола (ё нимсола)-и рӯзнома ё маҷаллаеро пешакӣ пардохтан барои бо мудовимат гирифтани онҳо.

**ОБУНАВӢ** آبونوی *мансуб ба* **обуна**.

**ОБУНАШАВӢ** آبونه شوی *ниг.* **обуна**.

**ОБУРАНГ** آبورنگ зебоӣ, тароват, ҳусн: **обуранги бадеӣ**; муболиға.

**ОБУТОБ** آبوتاب тобоварӣ, бо машқу варзиш пухтагардонӣ; баданро обутоб додан, тақвияти бадан бо машқ ва таъсири сармову гармо.

**ОБУТОБДИҲӢ** آب وتابدهی *ниг.* **обутоб**.

**ОБУТОБЁФТА** آبوتابیافته каси алоқаманд ва роғиби обутобдиҳӣ, солим, бардам.

**ОБУҲАВОСАНҶӢ** آب وهواسنجی илми пешгӯии обу ҳаво, ҳавошиносӣ.

**ОБФИШОР//ОБАФШОР**آبفشار//آبافشار бо роҳи фишор ба баландӣ баровардани об: **манораи обфишор**.

**ОБФУРӮШ** آبفروش он ки оби нӯшокӣ мефурӯшад.

**ОБФУРӮШӢ** آب فروشی касбу шуғли обфурӯш.

**ОБХАСТ // ОБХУСТ** آبخست//آبخوست 1. хушкие, ки дар миёни об воқеъ аст, ҷазира. 2. меваи дар об табоҳшуда, меваи обгазид.

**ОБХЕЗ** آبخیز туғёни об дар натиҷаи об шудани барфу ях.

**ОБХЕЗӢ** آبخیزی дар натиҷаи афзоиши оби дарёҳо дар баҳорон дамидан ва туғён кардани онҳо.

**ОБХОК** آبخاک ҳам дар обу ҳам дар хок ба зиндагӣ қобилият ва масуният пайдо кардан.

**ОБХОКӢ** آبخاکی *зоол.* намояндаи обхокиҳо, ба шароити обу хок мусоидшуда.

**ОБХОНА** آبخانه *таър.* 1. номи зиндоне дар арки Бухоро дар давраи амирон. 2. *гуфт.* халоҷо мабраз, мустароҳ.

**ОБХОР** آبخوار *ниг.* **обхӯр**.

**ОБХОРА** آبخواره *ниг.* **обхӯрӣ**.

**ОБҲАРОС** آب هراس он ки аз об меҳаросад, обтарс.

**ОБҲАРОСӢ** آبهراسی *нав.* 1. *тиб.* як навъ бемории, ки гирифтори он аз об метарсад, обтарсӣ.

**ОБХОҲ** آبخواه *кит.*он ки ё он чи талабгор ва хоҳишманди об шудааст, дархосткунандаи об.

**ОБХӮР** آبخور 1. он ки об менӯшад, обнӯш. 2. *кҳн.* он ки рӯзгори худро бо оби машкоб таъмин мекард. 3. ҷамоае, ки аз як ҷӯйбор ё ҳавз об мегирифтанд; заминҳое, ки аз як ҷӯйбор обёрӣ мешуданд.

**ОБХӮРА** آبخوره1. ҷои махсус барои обхӯрии чорпо. 2. *тиб.* бемории, ки бар асари он дар бофтаҳои бадан об ҷамъ мешавад; истисқо.

**ОБХӮРАК** آبخورک 1. зарф (обдон) барои обхӯрии мурғон. 2. бемории, ки бар асари он дар бофтаҳои бадан об ҷамъ мешавад; истисқо.

**ОБХӮРДА** آبخورده 1. он ки об хӯрдааст, ташнагишкаста. 2. *ниг.* **обутобёфта**, **обдода I**; **обрасида**, **обдида; пӯлоди обхӯрда, теғи обхӯрда**.

**ОБХӮРӢ** آبخوری 1. шуғлу амали обшинос. 2. илме, ки ба омӯзишу пажӯҳиши об машғул аст. 3. ҷои обхӯрии чорпо, ҷои муайян дар канори рӯд ва кӯлҳо барои об хӯрондан ба чорпо.

**ОБЧА** آبچه кишти растаниҳои полизӣ, полиз; **обча коридан** сабзавот коридан (*аз қабили* сабзӣ, пиёз *ва г.*).

**ОБЧАКОР** آبچه‌کار деҳқоне, ки сабзавот мекорад, он ки ба кишти полезӣ машғул аст.

**ОБЧАКОРӢ** آبچه‌کاری сабзаводкорӣ, кишти полизӣ.

**ОБЧИН** آبچینпорчае, ки бадани мурдаро баъди шустан бо он хушк мекунанд.

**ОБЧИНАК** آبچینک коғази хеле тунук, коғази папирос; **коғази обчинак** коғази ҷаббандаи об, коғаз барои хушк кардани сиёҳӣ.

**ОБЧӮБ** آب چوب чӯби зери об, чӯби тар.

**ОБҶАББАК** ابجبک он чи (*когаз, порча ва г.*), ки обро ҷаббида ба худ мекашад.

**ОБҶАВ//ОБИҶАВ** آبجو нӯшобае, ки аз афшурдаи ҷав омода мегардад, пиво.

**ОБҶАҲӢ** آبجهی *варз.* ҷаҳиш ба об.

**ОБҶУВОЗ** آب جوا ز дастгоҳи равғанкашӣ, ки бо об кор мекунад.

**ОБҶӮ(Й)** آبجو(ی) *кит.* обталаб, ташна, обхоҳ.

**ОБҶӮШ** آبجوش оби ҷӯшонидашуда, оби ҷӯшон; **мавизи обҷӯш** мавизи сурхчатобе, ки дар оби ишқордор ҷӯшонда хушконида шудааст.

**ОБҶӮШОН** آبجوشان зарфе, ки тавассути нерӯи барқ бад-он об меҷӯшонанд, тефал.

**ОБҶӮШОНАК** آبجوشانک зарфе, ки дар он об меҷӯшонанд.

**ОБШАВАНДА** آبشونده он чи ки қобили таҳлил ва гудозиш аст.

**ОБШАВӢ** آبشویҳолати таҳлил ва гудозиш.

**ОБШЕБ** آب شیب *кит.* 1. ҷараёни об ба нишебии зиёд, ҷараёни тези об. 2. обшори борик ва камиртифоъ.

**ОБШИНОС** آبشناس 1. *кит.* роҳбалади киштӣ, ки пастию баландии зери обро медонад; шиногар, ғаввос. 2. шахсе, ки замини обнокро аз беоб фарқ мекунад (*ҳангоми кандани чоҳ ва корез*). 3. *маҷ.* қоидадон, таомулдон, расмшинос. 4. *нав.* он ки ба омӯзишу пажӯҳиши об машғул аст.

**ОБШИНОСӢ** آبشناسی 1. шуғлу амали обшинос. 2. илме, ки ба омӯзиши пажӯҳиши об машғул аст.

**ОБШИРИНКУН(АК)** آبشیرین کن//آبشیرین کنک дастгоҳи махсус ҷиҳати софу беғаш ва қобили ошомидан гардондани об.

**ОБШИША** آب شیشه маҳлули ғализе, ки бештар ба сифати ширеш истифода мешавад.

**ОБШОР** آبشار 1. оби ҷӯйбор ё дарёе, ки аз баландӣ бо шиддат ба поён фурӯ мерезад, шаршара. 2. сероб, фаровон бо об; **замини обшор**.

**ОБШОРКУНӢ** آبشارکنی сероб гардонидан (*заминро*).

**ОБШУСТА** آبشسته 1. бисёр ва борҳо шусташуда, обдида; кӯҳна (*либос*). 2. *маҷ.* аз даҳан афтода, забонзада: **мазмуни обшуста**.

**ОБШУШ** آب شش *кит.* андоми нафасгирии моҳиён ва дигар ҷонварони обӣ, ки нафасро ба воситаи об мекашанд.

**ОБШӮЙ** آبشوی 1. либоси бо собун шусташударо дар охир бо оби тоза шустан, обгардон кардан, бо оби соф шустан (*умуман*); **обшӯй кардан** шустан, обгардон кардан бо оби тоза. 2. намакшӯй, шӯрашӯй; **обшӯй кардани заминҳои шӯр** об ҷорӣ кардан ба замини шӯр, то ки аз шӯра пок ва қабили кишт гардад.

**ОВАНГ** آونگ 1. ресмон, канаб, лух ва чӯбе, ки ангур ва дигар меваҳоро ба он меовезанд. 2. ҳар чизи овехта, овезон. 3. роҳҳои овезон дар кӯҳсор; рафак. 4. *физ.* ҷисми сангине, ки ба танобе овезон мекунанд ва дар ду тарафи нуқтаи овез ларзишу навасон ба вуҷуд меорад.

**ОВАНД** آوند 1. *кит.* лӯлаи борике дар соҳаи гиёҳон, ки ба воситаи он обу моводи ғизоӣ ба баргу қисмҳои дигари растанӣ мерасад. 2. *кит.* зарф.

**ОВАНДӢ** آوندی *мансуб ба* **overанд**; дорои ованд.

**овар** آور 1. *асоси замони ҳозира аз* **овардан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* оваранда: **шавқовар, боровар, хандаовар…**

**ОВАР I** آور *кит.* бовар, эътиқод, яқин; яқинан, батаҳқиқ; ҳатман, албатта.

**ОВАР II** آور *кит.* бадқиёфа, баднамо; кареҳ, бад.

**ОВАРАНДА** آورنده он ки чизе меоварад; натиҷаи чизе ё коре.

**ОВАРД** آورد *кит.* ҷанг, корзор, ҷидол, пайкор.

**ОВАРДА** آورده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **овардан**. 2. *адш.* шеъре, ки бе илҳом ва иҷборан навишта шудааст; *муқоб.* **омада** 3.

**ОВАРДАН** آوردن 1. чизеро ё касеро аз ҷое ба ҷое нақл ё ҳамл кардан, касеро ба ҷое расондан, ҳозир кардан; *муқоб.* **бурдан**. 2. *феъли ёридиҳанда дар феълҳои таркибии номӣ ба маънои* **кардан** (**ҳуҷум овардан, тоқат овардан**); ниҳодан (**рӯ овардан, дар миён овардан**); нишон додан (**далел овардан**); расондан (**ба ёд овардан**); сабаб шудан (**рашки** *касеро* **овардан, ба хашм овардан**) *ва ғ.*; **ба амал (ба ҷо) овардан** иҷро кардан, амалӣ сохтан; **ба забон овардан** а) гуфтан, зикр кардан; б) касеро ба гуфтан водор сохтан; **ба назм овардан** а) ба назм даровардан, ба риштаи назм кашидан; б) ба тартиб овардан **ба ҳуш (худ) овардан** касеро аз ҳолати беҳушӣ ва бехудӣ хориҷ сохтан.

**ОВАРДАШУДА** آورده شده *ниг.* **оварда** (1).

**ОВАРДГАҲ** آوردگه *ниг.* **овардгоҳ**.

**ОВАРДГОҲ** آوردگاه 1. майдони мубориза, майдони ҷанг, маҳалли муҳориба, ҷанггоҳ; **овардгоҳ ниҳодан** ҷанг кардан. 2. чорогоҳ.

**ОВАРДХОҲ** آوردخواه *кит.* он ки хоҳони ҷанг аст, овардҷӯй.

**ОВАРДҶӮЙ** آوردجوی *ниг.* **овардхоҳ**.

**ОВАРОНИДАН** آورانیدن *феъли бавосита аз* **овардан**; ба воситаи чизе ё касе ба ҷое расондан.

**ОВАРИДАН** آوریدن *ниг.* **овардан**.

**ОВАРӢ** آوری 1. *кит.* яқин, аниқ, ба дурустӣ. 2. эътимоднок, боварнок.

**ОВАСТО** آوستا *ниг.* **Авасто**.

**ОВАХ** آوخ оҳ, дареғ, афсӯс.

**ОВАҲ** آوه *ниг.* **овах**.

**овез** آویز 1. *асоси замони ҳозира аз* **овехтан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* овезанда: **диловез, гӯшовез…**

**ОВЕЗ** I آویز овеза.

**ОВЕЗ** II آویز *кит.* ҷанг, пайкор, ҷидол.

**ОВЕЗА** آویزه 1. он чи аз сақф, дарахт ё ҷое овехта шудааст, ашёи зинатии овезон *(аз қабили* шилшилаҳои булӯрин дар қандилҳо). 2. гӯшвора, ҳалқа.

**ОВЕЗОН** آو یزان *феъли ҳол аз* **овехтан**; дар ҳоли овехтагӣ; **овезон кардан** овехтан; **овезон шудан (аз дунболи** *касе***)** *маҷ.* рафтан аз паи касе, кашол шуда рафтан; **бо қавоқи овезон** *маҷ.* туршрӯёна, норозиёна; **лунҷи** *касе* **овезон шудан** *маҷ.* табъи касе хира шудан, димоғ сӯхтан.

**ОВЕЗОНГӮШ** آویزان گوش 1. *маҷ.* бечора, ночор, дар ҳайратуфтода. 2. *маҷ.* гӯшдароз.

**ОВЕХТА** آویخته *ниг.* **овезон**.

**ОВЕХТАН** آویختن 1. овезон кардан аз чизе ё аз ҷое; **бузро ба пои худаш меовезанд, гӯсфандро ба пои худаш** (*мақ.*). 2. ҳамоил кардан (*ягон асбоби зиннатиро аз гардан*). 3. ба дор кашидан, ба дор кардан (*касеро*), куштан; **дарҳам овехтан** *маҷ.* ба ҳамдигар ба ҷанг даромадан, ба ҳамдигар часпидан; часпу дарафт кардан, даст ба гиребон шудан.

**ОВЕША** آویشه *кит.* пудинаи кӯҳӣ, ҳулба.

**ОВЕШАН** آویشن *ниг.* **овеша**.

**ОВО** آوا 1. *шакли кӯтоҳшудаи* **овоз; ово додан** садо баровардан; хониш кардан; **ово кардан** фарёд кардан, мурочиат кардан; **ово кашидан** бо садои баланд фарёд кашидан, фарёд кардан; **овои нарм** *киноя аз* сухани мулоим, гуфтори форам, **овои сард** *киноя аз* гуфтори зишт, гапи дағал. 2. *збш.* овоз.

**ОВОЗ** آواز 1. садо, савт, бонг, нидо. 2. суруд, оҳанг; **овоз андохтан** нолаву фиғон кардан, бо садои баланд гиристан, навҳасаро шудан (*дар мотам ё гами касе*). 3. раъй, ҳамфикрӣ; **бо як овоз** бо аксарияти раъй, муттафиқан, бо иттифоқи тамом (*мас., вақти раъйдиҳӣ*); **овози пой** шарфаи пой; **овози гирифта** садои хиррӣ, овозе, ки аз гулӯ пурра барнамеояд; **овози дупӯста** овози тағйирёфта нисбат ба аслаш; **овози марғуладор** овози мавҷнок (*мас., ҳангоми сурудан*); **овоз баровардан** садо додан, будани худро ба воситаи садобарорӣ маълум кардан, гап задан; **овоз баромадан** садо шунида шудан, садо ба гӯш расидан, садо баланд гардидан; **овоз додан** а) садо кардан, фарёд задан, нидо кардан (*касеро*); б) эълон кардан, огоҳонидан, хабар кардан; в) раъй додан *(ба тарафдорӣ ё бар зидди касе ё масъалае дар вақти раъйгирӣ)*; **аз овоз мондан** садо набаровардан, гап зада натавонистан; **ба овоз мондан** раъй гирифтан (*дар бораи масъалае ё интихоби касе*); **овоз кардан** садо кардан, даъват намудан, фарёд кардан; **овозе нашуд** садое набаромад, касе садо надод; **овози худро сар додан** бо тамоми садо гап задан, фарёд кардан ё суруд хондан, бо авҷи боло суруд хондан; **овозатро гир!** *гуфт.* хомуш бош!, хап шав!

**ОВОЗА** آوازه 1. хабари ба ҳама ҷо парокандашуда (рост ё дурӯғ); шоеа; ҳангома. 2. шӯҳрат, номварӣ; **овоза бардоштан** шӯҳрат пайдо кардан, дар коре (ҳунаре) ном баровардан; **овоза доштан** шӯҳрат доштан, машҳур будан, дар коре номовар будан; **овоза кардан** гаперо ба ҳама ҷо паҳн ва ҳангома кардан; **овозаву дарвоза кардан** гаперо дар ҳама ҷо гуфта воҳима кардан, шоеа паҳн кардан; **овоз паҳн кардан** хабареро (*бештар бе асос*) ба ҳама ҷо маълум сохтан; **овоза шудан** машҳур шудан, шоеъ гардидан, вирди забонҳо гардидан.

**ОВОЗААНГЕЗ** آوازه‌انگیز он чи боиси овоза мешавад, шӯҳратангез.

**ОВОЗАГӮ(Й)** آوازه‌گو(ی) он ки шӯҳрату ном баровардanро мехоҳад, овозаталаб, шӯҳратталаб.

**ОВОЗАДОР** آوازه‌دار машҳур, шӯҳратманд, номбаровarда.

**ОВОЗАНДОЗ** آوازانداز он ки овоз меандозад, навҳагар.

**ОВОЗАНДОЗӢ** آوازاندازی овоз андохтан, навҳагарӣ.

**ОВОЗАНОК** آوازه ناک *ниг.* **овозадор**.

**ОВОЗГИР** آوازگیر он ки овозаш гирифтааст, хиррӣ; **овозгир шудан** хиррӣ шудан, ба хубӣ барнаомадани садо аз гулӯ.

**ОВОЗГИРИФТА** آوازگرفته *ниг.* **овозгир**.

**ОВОЗГУЗАРОНАНДА** آوازگذراننده ноқили садо,

он чи садо аз байни он гузашта метавонад.

**ОВОЗҒАФС** آوازغفس он ки овози дурушти дағал дорад.

**ОВОЗДИҲАНДА** آوازدهنده 1. он ки овозаш шунида мешавад, ҳотиф. 2. он ки дар овоздиҳӣ иштирок дорад, раъйдиҳанда.

**ОВОЗДИҲӢ** آوازدهی раъйдиҳӣ, баёни фикр ва ақида дар ҳалли масъала ё дар интихоби касе.

**ОВОЗДОР** آوازدار сададор, садодиҳанда: **филми овоздор** филми дорои овоз.

**ОВОЗДОРАК** آوازدارک *тех.* дастгоҳи садогир.

**ОВОЗӢ** آوازی *мансуб ба* **овоз**; боовоз: **мусиқии овозӣ**.

**ОВОЗНАВИСӢ** آوازنویسی сабти садо, сабти овоз.

**ОВОЗНОК** آوازناک *ниг.* **овоздор**.

**ОВОЗРАС** آوازرس масофае, ки овоз то он мерасад, масофаи шунидани садо.

**ОВОЗХОН** آوازخوان сароянда, сурудхон.

**ОВОЗХОНӢ** آوازخوانی пешаи овозхон.

**ОВОӢ** آوائی *мансуб ба* **овоз** 2.

**ОВОН** آوان айём, вақт, замон, даврон, ҳангом; **дар овони...** дар айёми..., дар рӯзгори..., вақти...; **овони ҷавонӣ** айёми ҷавонӣ.

**ОВОНАВИСӢ** آوانویسی *збш.* навишти овоз, ифодаи хатии овоз.

**ОВОНИГОР** آوانگار *нав., збш.* 1. он ки ба таҳқиқ ва пажӯҳиши овонигорӣ ва овошиносӣ машғул аст. 2. дастгоҳе, ки ба он ташхиси овоӣ гузаронида мешавад.

**ОВОНИГОРӢ** آوانگاری *збш.* навиштан ва сабти калимаҳо ба шакли овоӣ ва бо хатти овонигорӣ.

**ОВОР** آوار *кит.* 1. дурафтода аз ватан, ғариб, саргардон. 2. хароб, вайрон. 3. ғорат, яғмо, тороҷ. 4. гард, хок, ғубор. 5. ҳисоб, шумор; **овор доштан** ҳисоб доштан. 6. соз, мувофиқ; **овор омадан** мувофиқ будан, созгор будан.

**ОВОРА** آواره 1. *ниг.* **овор** 1. 2. саргардон, андармон, гирифтор, машғул, банд; **овора будан** саргардон будан, сарсону дарбадар будан; **овора будан бо** *коре* машғул шудан, андармон будан, гирифтор будан; **овора кардан** саргардон кардан, сарсон кардан; **овора шудан** а) саргардон шудан, дарбадар гаштан, сарсон шудан; б) андармон шудан, банд будан; **овораи ду дунё** сарсону саргардон дар байни ду чиз, аз ин ҷо монда, аз он ҷо ронда. 3. *ниг.* **овор**. 4. ҳисоб, шумор; дафтари ҳисоб.

**ОВОРАГАРД** آواره‌گرد саргардон, бехонумон, беҷою бекор, бекасукӯӣ; дайду.

**ОВОРАГАРДӢ** آواره‌گردی бехонумонӣ, сарсонӣ, саргардонӣ.

**ОВОРАГӢ** آوارگی дурафтодагӣ аз хонаву ҷой, саргардонӣ, бехонумонӣ.

**ОВРИНГ** آورینگ пайраҳаи танги кӯҳӣ.

**ОВУЛ** *т.* آول *гуфт.* ҷои нигоҳубини мавсимии чорпо, одатан дар мавзеъҳои серобу алаф.

**ОВУЛНИШИН** آول‌نشین он ки дар овул ба нигоҳубини чорпо машғул аст.

**ОВУЛҶО** آولجا *гуфт., ниг.* **овул**.

**ОГАНА//ОКАНА** آگنه//آکنه он чи миёни абраву астар мегузоранд (*аз қабили* пашм, пахта *ва г.*)

**ОГАНДА//ОКАНДА** آگنده//آکنده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **огандан**. **оганда кардан** а) пур кардан (*мас., пашм ва пахтаро ба кӯрпа*); б) *маҷ.* гӯрондан, дафн кардан. 2. пур, анбошта. 3. фарбеҳ, сергӯшт. 4. варамнок, омосдор.

**ОГАНДАГӢ//ОКАНДАГӢ** آگندگی//آکندگی 1. пурӣ, анбуҳӣ. 2. *маҷ.* ҷамъият, якҷоягӣ.

**ОГАНДАГӮШ** آگنده‌گوش 1. он ки гӯшаш вазнин аст, кар. 2. *маҷ.* гапношунав.

**ОГАНДАН//ОКАНДАН** آگندن//آکندن *кит.* пур кардан (*даруни чизеро бо чизе, мас., кӯрпаро бо пахта*).

**ОГАНДАНӢ//ОКАНДАНӢ** آگندنی//آکندنی 1. *сифати феълии замони оянда аз* **огандан**. 2. *маҷ.* асбобу ҷиҳози хона.

**ОГАНДАПАР//ОКАНДАПАР** آگنده‌پر//آکنده‌پر пурпар, серпар, парнок.

**ОГАНДАПАҲЛУ** آگنده‌پهلو бисёр фарбеҳ, тануманд, чорпаҳлу.

**ОГАНИШ//ОКАНИШ** آگنش//آکنش 1. пур кар-

дан, анбоштан; пурӣ, пуршавӣ. 2. он чи бо он даруни чизеро пур мекунанд. 3. чағбут, пахтаи кӯҳна; латтакӯҳна; афганда.

**ОГАНҶ** آگنج *кит.* ҳасиб; гипо.

**ОГАРД** آگرد ҷӯя, ҷӯяк; **огард кардан** ҷӯяк кашидан.

**ОГАРДКАШ** آگردکش ҷӯяккаш, барзкор, деҳқон.

**ОГАРДКАШАК** آگردکشک василаи ҷӯяккашӣ.

**ОГАРДКАШӢ** آگردکشی *исми амал аз* **огард кашидан;** ҷӯяк кашидан.

**ОГАФТ** آگفت *кит.* ранҷ, озор; офат, бало.

**ОГАҲ** آگه *ниг.* **огоҳ**.

**ОГАҲӢ** آگهی *ниг.* **огоҳӣ**.

**ОГАҲОНИДАН//ОГОҲОНИДАН** آگهانیدن//آگاهانیدن хабар додан, хабардор кардан.

**ОГИН** آگین *кит.* пур, анбошта, мамлӯ, моломол.

**ОГОҲ** آگاه бохабар, хабардор, воқиф; **огоҳ будан** хабар доштан, воқиф будан, иттиллоъ доштан; **огоҳ кардан (намудан)** хабардор кардан, воқиф намудан, фаҳмондан; **огоҳ шудан** бохабар шудан, хабар ёфтан, хабардор гардидан.

**ОГОҲДИЛ** آگاهدل бохабар, доно, дилогоҳ, соҳибдил.

**ОГОҲИДАН** آگاهیدن *кит.* огоҳ кардан, хабар кардан; огоҳ шудан.

**ОГОҲИНОМА** آگاهی نامه нома (коғаз)-и махсус ва марсум барои огоҳонидани касе, ҷиҳати дуввумбора такрор накардани амали нораво дар идора ва корхонаҳо; навъе аз ҳуҷҷат.

**ОГОҲӢ** آگاهی 1. хабар, иттиллоъ. 2. хабардорӣ, воқифӣ, огоҳӣ доштан аз чизе, донистан чизеро; **огоҳӣ ёфтан** хабардор шудан, фаҳмидан.

**ОГОҲМАНД** آگاهمند *кит.* хабардор; бохабар.

**ОГОҲОНА** آگاهانه бохабарона, дониставу фаҳмида, бо вуқуф ва иттиллоъ (*аз пайи чизе ё коре амал кардан*).

**ОГОҲОНАНДА** آگاهاننده огоҳкунанда, хабаркунанда, эъломдор.

**ОГОҲОНИДАН** آگاهانیدن огоҳ кардан, хабардор намудан, воқиф намудан, дар иттиллоъ мондан.

**ОГУР** آگور *кит.* хишти пухта, оҷур.

**ОГӮШ** آگوش *кҳн., ниг.* **оғӯш**.

**ОГӮШИДАН** آگوشیدن *кит.* оғӯшидан, дар оғӯш гирифтан, ба бағал кашидан.

**ОҒАР** آغر *кит.* селроҳаи хушкида, ки баъд аз гузаштани сел ҷо-ҷо оби кӯлмак боқӣ мондааст.

**ОҒАРДА** آغرده таршуда, намкашида.

**ОҒАШТА//ОҒИШТА//ОҒУШТА** آغشته олуда, омехта, таршуда; ба хун оғишта.

**ОҒАШТАН//ОҒИШТАН//ОҒУШТАН** آغشتن 1. олуда кардан, тар кардан. 2. олуда шудан, омехта шудан.

**ОҒИЛ** I آغل молхона, говхона, сутургоҳ.

**ОҒИЛ** II آغل аз рӯи хашм ба гӯшаи чашм нигаристан.

**ОҒИЛХОНА** آغل خانه *ниг.* **оғил** I.

**ОҒО//ОҚО** *т.* آغا//آقا *калимаи эҳтиромӣ* ҷаноб, соҳиб.

**ОҒОЗ** آغاز ибтидо, аввали ҳар чиз, шурӯъ; **оғози кор; оғоз кардан (намудан)** сар кардан, шурӯъ намудан.

**ОҒОЗИДАН** آغازیدن сар кардан, шурӯъ намудан, бунёд намудан.

**ОҒОЗИН** آغازین аввалин, нахустин; *муқ.* **охирин**.

**оғол** آغال *асоси замони ҳозира аз* **оғолидан**.

**ОҒОЛ** I آغال *кит.* фитнагарӣ, шӯрангезӣ.

**ОҒОЛ** II آغال *ниг.***оғил** 1. 2. *кит.* хонаи занбӯр, занбӯрхона.

**ОҒОЛИДАН** آغالیدن *кит.* ба якдигар шӯронидан, кина ва хусумат афкандан миёни ду нафар.

**ОҒОЛИҚ** *т.* آغالیق *таър.* яке аз мансабҳои маъмурӣ дар аморати Бухоро.

**ОҒОЛИШ** آغالش *кит.* фитнагарӣ, шӯрангезӣ, иғвогарӣ.

**ОҒОЛОНИДАН** آغالانیدن *шакли бавоситаи* **оғолидан**; ангехтан, таҳрик кардан.

**ОҒОР** آغار *кит.* нам, заҳ.

**ОҒОРИДАН** آغاریدن 1. *кит.* нам кардан, тар кардан. 2. заҳидан, таровидан.

**оғушт** آغشت *асоси замони гузаштаи аз* **оғуштан**.

**ОҒУШТА** آغشته 1. омехта. 2. таршуда; олуда: **ба хун оғушта**.

**ОҒУШТАГӢ** آغشتگی оғушта будан; вазъ ва ҳолати оғушта.

**ОҒУШТАН** آغشتن 1. омехтан. 2. тар кардан.

**ОҒӮШ** آغوش 1. бағал, бар, канор; **бо оғӯши боз** бо меҳрубонӣ, бо меҳру навозиш. 2. *маҷ.* миёни, байни, дар қаър; **дар оғӯши** дар байни, дар қаъри; **дар оғӯши биёбон**; **ба оғӯш гирифтан (кашидан)** а) дар бар гирифтан, дар бағал гирифтан; б) ба ҳимояи худ гирифтан; **оғӯш кардан** ба бағал гирифтан.

**ОҒӮШКАШӢ** آغوش‌کشی 1. дар канор гирифтан. 2. *маҷ.* оштӣ кардан, сулҳ овардан.

**ОД** *а.* عاد 1. қабилаи афсонавие аз авлоди Одини Нӯҳи пайғамбар, ки пайғамбар буд ба рисолати онон омада буд ва барои нофармонӣ бо тӯфони бод ҳалок гаштанд. 2. *маҷ.* ҳар чизи қадимиву бостонӣ.

**ОДА** آده *кҳн.* чӯбе, ки барои нишастани кабӯтарон ва парандагони дигар ба болои ду чӯби рост устувор карда шудааст.

**ОДАМ I** آدم исми машҳури асотирӣ ва динӣ, нахустинсон, абулбашар, ҳазрати Одам (а), ҷуфти Ҳавво.

**ОДАМ II** آدم 1.одамизод, инсон, башар; кас, шахс; **хона ба палосу одам ба либос** (*мақ.*). 2. хизматгор, навкар. 3. халоиқ, мардум; **одам шудан** соҳиби маърифат шудан, ба камол расидан.

**ОДАМ III** آدم гандумгун, сиёҳранг, сиёҳчурда, асмар.

**ОДАМБАДБИН** آدم‌بدبین одамгурез, каси ба ҷамъият бегона.

**ОДАМБАДБИНӢ** آدم بدبینی бад дидани мардум, карохият нисбат ба мардум.

**ОДАМБЕЗОР** آدم بیزار он ки ба одамон кинаву нафрат мепарварад; одамгурез.

**ОДАМВОР** آدم وار чун одам, ба мисли одам, чунонки ба одам шоиста аст.

**ОДАМ(Й)ГАРӢ** آدم‌گری//آدمی‌گری 1. одамият, одам будан, инсон будан. 2. муносибат ва рафтори нек, одоб, меҳмондорӣ, меҳмоннавозӣ; **одамгарӣ кардан дар ҳаққи** *касе* иззату эҳтиром кардан (касеро).

**ОДАМГИЁҲ** آدم‌گیاه гиёҳи машҳур, меҳргиёҳ, мардумгиёҳ.

**ОДАМГУРЕЗ** آدم‌گریز узлатпараст, канорагир, улфатнопазир.

**ОДАМГУРЕЗӢ** آدم‌گریزی канорагирӣ, узлатпарастӣ, улфатнопазирӣ.

**ОДАМДИДА** آدم دیده 1. он ки бо одамон нишасту бархост кардааст ва одоби муоширатро медонад. 2. *маҷ.* таҷрибадор, таҷрибаандӯхта.

**ОДАМДУЗД** آدم‌دزد он ки ба дуздӣ ва одамфурӯшӣ (махсусан дуздидани кӯдакон) машғул аст.

**ОДАМДУЗДӢ** آدم‌دزدی *ҳуқ.* амали одамдузд, одам дуздидан.

**ОДАМДӮСТ** آدم دوست он ки ба одамизод меҳру муҳаббат дорад, инсонгаро.

**ОДАМДӮСТӢ** آدم‌دوستی инсондӯстӣ, инсонгароӣ, башардӯстӣ.

**ОДАМИЁНА** آدمیانه мувофиқ ва муносиби одам, инсонвор, он чи лоиқи инсон аст.

**ОДАМИЗОД(А)** آدمی‌زاد(ه) зодаи одам, инсон, башар.

**ОДАМИНАМО** آدمی‌نما ба одам монанд, дар зоҳир монанд ба одам; ◊ **гургони одаминамо** гургтинатони одамшакл.

**ОДАМИХОР** آدمی‌خوار одамхӯр, ваҳшӣ, хунхор.

**ОДАМИЯТ** *а.* آدمیت одам будан, инсон будан, доро будан ба хислатҳои неку шоистаи одамӣ, одамгарӣ.

**ОДАМӢ** آدمی *ниг.* **одамият**.

**ОДАМКАШОНӢ** آدم‌کشانی бурдан ва нақл кардани одамон аз ҷое ба ҷое.

**ОДАМКОРФАРМОӢ** آدم‌کارفرمائی ба кор водоштани одамон.

**ОДАМКУШ** آدم‌کش кушандаи одам, қотил.

**ОДАМКУШӢ** آدم‌کشی қотилӣ, кушандагӣ.

**ОДАММУРӢ** آدم مری марг, маргу мири одамон.

**ОДАМНАДИДА** آدم ندیده *маҷ.* он ки аз одоби муошират, нишасту бархост ва одамгарӣ, рафторҳои иҷтимоӣ дур аст, ваҳшӣ.

**ОДАМНАМО** آدم‌نما монанди одам, шабеҳи одам, он чи зоҳиран монанди одам аст.

**ОДАМНИШИН** آدم‌نشین ҷое, ки дар он одам имкони нишастан ё сукунатро дорад.

**ОДАМНОГУЗАР** آدم‌ناگذر гузаргоҳи ғайри қобили убур, роҳи мӯҳлик.

**ОДАМНОШИНОС** آدم‌ناشناس бегона бо одамон, неку бади одамро нашиносанда.

**ОДАМОНА** آدمانه одамвор, инсонвор; *ниг.* **одамиёна**.

**ОДАМПАРВАР** آدم پرور *ниг.* **инсонпарвар**.

**ОДАМРАБО** آدم ربا *ҳуқ., ниг.* **одамдузд**.

**ОДАМРАБОӢ** آدم ربایی *ҳуқ., ниг.* **одамдуздӣ**.

**ОДАМСАНҶИДА** آدم‌سنجیده *ниг.* **одамдида**; одамшинос.

**ОДАМСАР** آدم سر тоссар, кал, бемӯй.

**ОДАМСУРАТ** آدم صورت ба шакли одам, монанд ба одам: **шайтони одамсурат**.

**ОДАМХОР//ОДАМХӮР** آدم‌خوار//آدم‌خور *маҷ.* хунхӯр, бадкор, золим; **гурги одамхӯр** а) гурги хунхор б) *маҷ.* одами золими хунрез.

**ОДАМХӮРӢ** آدم‌خوری 1. хӯрдани гӯшти одам. 2. *маҷ.* золимӣ, бераҳмӣ.

**ОДАМШАВАНДА** آدم‌شونده одами шоёни эҳтиром.

**ОДАМШАКЛ** آدم شکل *ниг.* **одамсурат**.

**ОДАМШИКОР** آدم‌شکار **:сайёди одамшикор** касе ки қасди ҷони одамонро дорад, бадкор, бадният.

**ОДАМШИНОС** آدم‌شناس он ки ва он чи будани касеро аз атвор ва рафтори вай муайян мекунад.

**ОДАРМ** آدرم *кит.* намади зери зини асп, намадзин.

**ОДАТ** *а.* عادت 1. хулқ, хӯ, хислат. 2. расм, қоида, таомул; **урфу одат** расму таомул; **аз одат берун** а) бар хилофи одат; б) берун аз ҳадди муқаррарӣ, аз ҳад зиёд; **аз рӯи одат** а) аз рӯи хулқу хислат; б) аз рӯи расму таомул, мувофиқи қоида; **одат кардан** хӯ гирифтан, омӯхта шудан (ба коре, чизе); **одат доштан** омӯхта шудан, омӯхта будан ба коре; **одати худро партофтан** тарки одат кардан; **одат кунондан** омӯхта кардан; **одат шудан** а) ба ҳукми одат даромадани коре дар касе; б) расм шудан, таомул гардидани урфе.

**ОДАТАН** عادتاً аз рӯи одат, мувофиқи одат; қоидатан, аз рӯи таомул, маъмулан.

**ОДАТӢ** عادتی одатшуда, муқаррарӣ.

**ОДИЛ** *а.* عادل адолатнок, боадолат, боинсоф; *муқоб.* **золим**.

**ОДИЛОНА** عادلانه аз рӯи адлу инсоф, боинсофона, боадолатона.

**ОДИНА** آدینه *кҳн.* рӯзи ҷумъа. **масҷиди одина** масҷиде, ки дар он намози ҷумъа хонда мешавад.

**ОДИЯНДА** آدینده *кит.* тиру камон, қавси кузаҳ, рангинкамон, ки агар ҳангоми борон офтоб бароянд, дар осмон намоён мешавад, тирожа.

**ОДИЁНА** عادیانه *гуфт.* 1. либоси тиранг, ки одатан вақти азодорӣ ва умуман занҳои солманд пӯшанд (*ғайри сурх*). 2. либоси на хубу на бад, либоси миёна.

**ОДӢ** عادی муқаррарӣ, сода; **коргари одӣ** коргари қаторӣ, коргари бетахассус; **либоси одӣ** либоси муқаррарӣ, бе ягон ҷиҳати фарқнок аз дигарҳо, бекарру фар.

**ОДОБ** *а.* آداب 1. *ҷ.* **адаб.** 2. рафтор ва кирдори неку писандида дар зиндагӣ, муомилаи эҳтиромкорона, боназокат ва аз рӯи одоб; **шарти одоб** тақозои рафтори эҳтиромкорона ва боназокат дар муомила бо одамон; **одоби муошират** тарзи муомилаи некӯ дар муносибат бо одамон.

**ОДОБДОН** آداب‌دان он ки аз одоби муошират, расму анъана ва меъёрҳои ахлоқӣ огоҳ аст.

**ОДОБДОНӢ** آداب‌دانی донистани одоби муоширaт, шину хез ва расму русум.

**ОДРАМ** آدرم *ниг.* **одарм**.

**ОДОҒ** آداغ *мухаффафи* **обдоғ**; ду соҳили дарё, ки аз маҷрои он болотар ҷойгир шуда аз об бе-

насиб мемонанд.

**ОЁ** آیا *ҳиссачаи саволӣ, ки* тааҷҷуброн низ ифода мекунад; магар, наход.

**ОЁН** آیان *феъли ҳол аз масдари* **омадан**.

**ОЁНӢ** آیانی *кит.* 1. хушояндагӣ. 2. осонӣ.

**ОЁТ** *а.* آیات *ҷ.* **оят//оя**.

**ОЖАДА** آژده *кит.* 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **ожадан** 1. 2. рангкарда; музайян. 3. дӯхта, бахя кардашуда. 4. сӯрох кардашуда.

**ОЖАДАН//ОЖИДАН//ОҶИДАН** آژدن//آژیدن// آجیدن *кит.* 1. халондан; сӯрох кардан (*мас., бо тир, сӯзан ва г.*), хастан. 2. сӯҳон кардан, ҳамвор намудан. 3. *киноя. аз* бахя кардан, дӯхтан.

**ОЖАНГ** آژنگ чине, ки ба сабаби пирӣ ё хашму ғазаб дар ҷабин пайдо мешавад, чин, оҷинг.

**ОЖАНГДОР** آژنگ دار чиндор; он ки бар асари пирӣ дар ҷабинаш чин пайдо мешавад.

**ОЖАНГЧЕҲР** آژنگ چهر он ки рӯяш пурожанг аст, ожангрӯ.

**ОЖИДА** آژیده *ниг.* **ожада**.

**ОЖИДАН** آژیدن *ниг.* **ожадан**.

**ОЖИР** آژیر *кит.* 1. омода, муҳайё, тайёр: хушёр, хабардор. 2. зиёд, бисёр, фаровон.

**ОЗ** آز тамаъ, ҳирс, тангчашмӣ.

**ОЗАР** I آذر оташ.

**ОЗАР** II آذر номи моҳи нӯҳуми солшумории шамсӣ (22 ноябр-21 декабр).

**ОЗАР** III آذر *шакли кӯтоҳшудаи* **Озарбойҷон**.

**ОЗАР** IV آذر *шакли дигари* **озор** II.

**ОЗАРАНГ//ОДАРАНГ** آذرنگ//آدرنگ [*мухаффаф аз* озарранг], ба ранги шӯъла, оташранг, зардранги ба сурхӣ моил; тобон.

**ОЗАРАФРӮЗ** آذرافروز *ниг.* **оташафрӯз**.

**ОЗАРАХШ//ОДАРАХШ** آذرخش//آدرخش *кит.* барқ, соиқа.

**ОЗАРБОЙҶОНӢ** آذربایجانی *мансуб ба* **Озарбойҷон**. 2. аҳли Озарбойҷон.

**ОЗАРГОН** آذرگان *кит.* ҷашн дар Эрони бостон, ки дар рӯзи нӯҳуми озармоҳ ба муносибати як шудани номи рӯз бо номи моҳ барпо мешудааст.

**ОЗАРГУН(А)** آذرگون//آذرگونه 1. ба ранги оташ, монанди оташ. 2. гули лола.

**ОЗАРГУШАСБ** آذرگشسب 1. номи оташкадае аз чор оташкадаи асосии зардуштиён. 2. *маҷ.* барқ. 3. номи фариштаест муваккал бар оташ, ки пайваста бар оташ маќом дорад ва маънии таркибии он оташи ҷаҳанда аст.

**ОЗАРӢ** I آذری 1. *мансуб ба* **оташ**; оташранг, сурхранг.

**ОЗАРӢ** II آذری бошандаи Озарбойҷон, озарбойҷонӣ.

**ОЗАРКАДА** آذرکده *ниг.* **оташкада**.

**ОЗАРКЕШ** آذرکیش *ниг.* **оташпараст**.

**ОЗАРМ** آزرم 1. шарм, ҳаё. 2. иззат, ҳурмат; эътибор, бузургӣ. 3. раҳм, меҳр, шафқат; нармӣ, нармдилӣ.

**ОЗАРМОҲ** آذرماه *ниг.* **озар** II.

**ОЗАРМҶӮ(Й)** آزرم جو(ی) 1. баинсоф, боадолат; адлпеша. 2. шафиқ. раҳмдил.

**ОЗАРПАРАСТ** آزرپرست *ниг.* **оташпараст**.

**ОЗАХ** آزخ донаи сахти гӯштӣ ба қадри мош ва ё нахӯд, ки бештар дар дасту пои инсон ва дар бадани баъзе ҳайвонот мебарояд; севол.

**ОЗАХДОР** آزخ دار он ки дар даст, по ё ҷои дигари бадан озах дорад.

**ОЗВАР//ОЗУР** آزور *кит.* ҳарис, тамаъкор; он ки оз дорад.

**ОЗДОР** آزدار *ниг.* **озвар**.

**ОЗИЛ** *а.* عازل *кит.* маломатгар; таъназананда, накӯҳишкунанда.

**ОЗИМ** *а.* عازم *кит.* 1. он ки ба иҷрои коре қасд ва ирода кардааст; қасдкунанда. 2. равона, раҳӣ.

**ОЗИН** آذین 1. ороиши шаҳр ва роҳҳо, хавоза, чодиру хайма, чорчӯба, тоқи зафар, нишемангоҳ, зебу зинат ва ороиш, ки дар рӯзҳои ид ва гоҳи омадани подшоҳон дар кӯчаву роҳҳо месохтанд; шаҳророй; зебу зинат, ороиш; **озин бастан** зинат додан, оро

додан, оростан; **озин кардан** зинат додан, оро додан. 2. олате, ки бо он равғанро аз дуғ ҷудо мекунанд, ширзана, гуппӣ.

**ОЗИНБАНДӢ** آذین‌بندی оинабандӣ, озин бастан, ороиш додан.

**ОЗӢ** آزی *ниг.* **озвар**.

**ОЗМАНД** آزمند ҳарис, тамаъкор.

**ОЗМАНДӢ** آزمندی ҳирс, тамаъ; пурхоҳӣ.

**ОЗМАНДОНА** آزمندانه ҳарисона, тамаъкорона, томеона.

**ОЗМОИДАН** آزمائیدن *ниг.* **озмудан**.

**ОЗМОИШ** آزمایش санҷиш, имтиҳон: **аз озмоиш гузаштан**.

**ОЗМОИШГАР** آزمایشگر озмоянда, таҷрибакунанда, имтиҳонкунанда.

**ОЗМОИШГОҲ** آزمایشگاه макони озмоиш, маҳалли таҷрибаву имтиҳон.

**ОЗМОИШГОҲӢ** آزمایشگاهی *марбут ба* **озмоишгоҳ**; пажӯҳишгоҳи озмоишгоҳӣ: махсус барои озмоишгоҳ.

**ОЗМОИШӢ** آزمایشی *мансуб ба* **озмоиш**.

**ОЗМОИШКОР** آزمایشکار *ниг.* **озмоишгар**.

**ОЗМОЯНДА** آزماینده санҷанда, имтиҳонкунанда, он ки чизеро таҷриба мекунад.

**ОЗМУДА** آزموده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **озмудан**; озмудашуда. 2. *маҷ.* кордон, таҷрибанок.

**ОЗМУДАКОР** آزموده‌کار ботаҷриба, кордида, кордон.

**ОЗМУДАН** آزمودن санҷидан, санҷида дидан, имтиҳон кардан, таҷриба кардан.

**ОЗМУДАНӢ** آزمودنی :**озмуданӣ шудан** санҷидан хостан (*касеро*).

**ОЗМУДАШУДА** آزموده شده *ниг.* **озмуда**.

**ОЗМУН** آزمون озмоиш, имтиҳон, таҷриба; **озмун кардан** санҷидан, санҷида дидан, имтиҳон кардан, аз таҷриба гузарондан.

**ОЗМУНА** *нав.* آزمونه 1. ҳар яке аз саволҳо ва маҷмӯи пурсишҳо, ки яке аз онҳо дуруст мебошад, тест. 2. имтиҳон, санҷиш.

**ОЗМУНӢ** آزمونی *ниг.* **озмоишӣ**.

**ОЗОД** آزاد 1. раҳошуда, раҳида, новобаста, номуқайяд, фориғ, вораста. 2. он ки бандӣ ва асир нест. 3. *таър.* он ки ғулом нест, мустақил. 4. тамом, пурра, комил; **рӯзи озод** тамоми рӯз. 5. бемалол, бедушворӣ, баосонӣ. 6. фориғболона, бемонеа; **сарви озод** а) сарви росту баланд; б) қомати росту мавзуни зебо; **озод будан** а) вобаста набудан, дар қайду банд набудан; б) маоф будан (аз адои ё пардохти чизе); **озод кардан** а) раҳо намудан, ба сари худ вогузоштан, халос намудан, раҳонидан; б) ҷавоб додан; **озод шудан** а) раҳоӣ ёфтан аз банд ва вобастагӣ, халос гардидан; б) фориғ гаштан (*аз кор, аз дарс*).

**ОЗОДА** آزاده 1. тоза, покиза, ороставу пероста. 2. *таър.* асил ва наҷиб, ҷавонмард; **озодагон** *кит.* эрониёни қадим, яке аз номҳои тоҷикон.

**ОЗОДАГАРДӢ** آزاده‌گردی рафтори озодона ва беқайду баст.

**ОЗОДАГӢ** آزادگی тозагӣ, покизагӣ.

**ОЗОДАМАРД//ОЗОДМАРД** آزاده‌مرد//آزادمرد марди дорои хислатҳои нек, асил, шариф, наҷиб; ҷавонмард.

**ОЗОДАНДЕШ** آزاد اندیش он ки афкору андешаи озоду мустақил дорад, озодфикр.

**ОЗОДАНДЕШӢ** آزاداندیشی *ниг.* **озодфикрӣ**.

**ОЗОДВОР** آزادوار 1. ҳакимона, донишмандона, оқилона. 2. *мус.* номи навое аз оҳангҳои қадимӣ.

**ОЗОДЗИСТӢ** آزادزیستی ба таври озод ва бо роҳату осоиш зиндагӣ кардан, осуда зиндагӣ кардан.

**ОЗОДИБАХШ** آزادی‌بخش озодкунанда, озодиовар.

**ОЗОДИДӮСТ** آزادی‌دوست 1. он ки озод будан мехоҳад, толиб ва хоҳони озодӣ. 2. он ки афкору андешаҳои озоду мустақил дорад, озодфикр.

**ОЗОДИДӮСТӢ** آزادی‌دوستی шуғлу амали озодидӯст.

**ОЗОДИДӮСТДОР** آزادی دوست دار *ниг.* **озодидӯст**.

**ОЗОДИНОМА** آزادی‌نامه *таър.* ҳуҷҷат дар бораи озодии касе аз қайду бандагӣ, хати озодӣ.

**ОЗОДИПАРАСТ** آزادی پرست *ниг.* **озодидӯст**.

**ОЗОДИТАЛАБ** آزادی طلب *ниг.* **озодихоҳ**.

**ОЗОДИТАЛАБӢ** آزادی طلبی *ниг.* **озодихоҳӣ**.

**ОЗОДИХОҲ** آزادی‌خواه 1. он ки озодӣ мехоҳад: озодиталаб. 2. *таър.* гурӯҳ, ҳизб ё созмоне, ки бад-ин ном аст.

**ОЗОДИХОҲӢ** آزادی‌خواهی озодиталабӣ, истиқлолталабӣ, кӯшиш баҳри ба даст овардани озодӣ ва истиқлолият.

**ОЗОДИХОҲОНА** آزادی‌خواهانه **ҳаракати озодихоҳона** мубориза и озодихоҳӣ.

**ОЗОДӢ** آزادی 1. халосӣ, раҳоӣ, наҷот. 2. ҳуррият.

**ОЗОДКАРД** آزادکرد озод кардан.

**ОЗОДКУНӢ** آزادکنی *ниг.* **озодкард**.

**ОЗОДМАНИШ** آزادمنش *ниг.* **озодандеш**.

**ОЗОДМАНИШӢ** آزادمنشی*ниг.* **озодандешӣ**.

**ОЗОДМАРД** آزادمرد *ниг.* **озодамард**.

**ОЗОДМОҲӢ** آزاد ماهی моҳии хӯрданӣ, ки дарозиаш то як метр мерасад ва гӯшти хуштаъми сурхтоб дорад.

**ОЗОДОНА** آزادانه 1. ба озодӣ, бидуни вобастагӣ, ба ихтиёри худ, ба сари худ.2. *ниг.* **озод** V.

**ОЗОДНОМА** آزادنامه *кит.* номае, ки барои озодии касе аз ғуломиву бандагӣ медоданд.

**ОЗОДСАЙР** آزادسیر *кит.* озода, озодаманиш, озодарафтор.

**ОЗОДСАРВ** آزادسرو*адш., мағ.* сарви озод, сарви рост ва озод аз қайди шоху барг; ишора бар маъшуқ ҷиҳати болобаландӣ ва мавзунии ӯ.

**ОЗОДСОЗӢ** آزادسازی аз маҳдудият, қайд, маҳбас, юғ *ва г.* озод кардани касе ё чизе.

**ОЗОДТАБЪ** آزادطبع озодтабиат; *ниг.* **озодандеш**.

**ОЗОДФИКР** آزادفکر *ниг.* **озодандеш**.

**ОЗОДФИКРӢ** آزادفکری *ниг.* **озодандешӣ.**

**ОЗОДЧЕҲР** آزادچهر кушодарӯ; хушхулқ, хушфеъл.

**ОЗОДШАВӢ** آزادشوی аз қайду банд ростан; озод шудан.

**ОЗОДШУДА** آزادشده ба озодӣ расида, озодиёфта, озод.

**озор** آزار *асоси замони ҳозира аз* **озурдан**.

**ОЗОР** I *а.* آذار моҳи чоруми солшумории румӣ, ки ба моҳи март баробар меояд.

**ОЗОР** II آزار ранҷ, азоб, азият; **озор додан (расондан)** ранҷондан, боиси ранҷу малоли касе гардидан, азоб додан; **озор дидан** озурда шудан, дар ранҷу азоб будан; **озор ёфтан** озурда шудан, ранҷ дидан, осеб дидан.

**ОЗОРДАН** آزاردن ранҷондан, озор додан.

**ОЗОРДЕҲ** آزارده озордиҳанда, ранҷдеҳ, ситамкор.

**ОЗОРДИДА** آزاردیده он ки озору ранҷ дидааст, ранҷур.

**ОЗОРДИҲАНДА** آزاردهنده *ниг.* **озордеҳ**.

**ОЗОРДИҲӢ** آزاردهی амали озордеҳ; ранҷдиҳӣ.

**ОЗОРИШ** آزارش *кит.* озор, ранҷ, азоб, азият.

**ОЗОРӢ** I آزاری *мансуб ба* **озор** I; **абри озорӣ** абри баҳорӣ; **боди озорӣ** насими баҳорон.

**ОЗОРӢ** II آزاری 1. озоранда, озурдакунанда, озордиҳанда. 2. ранҷ, азият.

**ОЗОРДОДА** آزارداده 1. озоркашида, ранҷур. 2. озордеҳ, ранҷдиҳанда.

**ОЗОРДОР** آزاردار дардманд, ранҷур.

**ОЗОРМАНД** آزارمند *ниг.* **озордеҳ**; ранҷур, хаста.

**ОЗОРПАРАСТ** آزارپرست *ниг.* **озордеҳ**; он ки озори дигаронро хоҳад.

**ОЗПАРАСТ** آزپرست тамаъкор, ҳарис, гуруснаҷашм.

**ОЗПАРАСТӢ** آزپرستی тамаъкорӣ, ҳарисӣ, гуруснаҷашмӣ.

**ОЗПИСАНД** آزپسند *ниг.* **озвар**.

**ОЗУҚ//ОЗУҚА** *т.* آزوق//آزوقه хӯрокворӣ, хӯрок, хӯрданиҳо.

**ОЗУҚАВӢ** آزوقوی *мансуб ба* **озуқа**; хӯрокворӣ.

**ОЗУҚАВОРӢ** آزوقه واری *ниг.* **озуқа**.

**ОЗУҚАФУРӮШ** آزوقه فروش он ки хӯрокворӣ мефурӯшад.

**ОЗУҚАФУРӮШӢ** آزوقه فروشی 1. кори озуқафурӯш, фурӯши озуқа. 2. ҷое, ки озуқа мефурӯшанд.

**ОЗУРАХШ** آزرخش *ниг.* **озарахш**.

**ОЗУРДА** آزرده 1. ранҷдида, озордида, осебдида. 2. ранҷидахотир, димоғсӯхта; **озурда будан** ранҷур будан, аз ягон чиз ранҷидагӣ доштан; **озурда шудан** ранҷидан, малол шудан.

**ОЗУРДАГӢ** آزردگی ранҷиш, димоғсӯхтагӣ, ранҷидагӣ.

**ОЗУРДАДИЛ** آزردهدل ранҷида, ранҷидахотир, озурдахотир.

**ОЗУРДАДИЛӢ** آزردهدلی ранҷурхотирӣ, озурдахотирӣ.

**ОЗУРДАН** آزردن ранҷондан, озор додан, хафа кардан.

**ОЗУРДАХОТИР** آزرده خاطر *ниг.* **озурдадил**.

**ОЗУРДАХОТИРӢ** آزرده خاطری *ниг.* **озурдадилӣ**.

**ОЗУРДАҶОН** آزرده جان ранҷур, дардманд, бемор, касалманд.

**ОЗФАНДОК** آزفنداک *ниг.* **рангинкамон**.

**ОИД** *а.* عائد 1. роҷеъ, дар бораи..., **оид ба...; доир ба...; оид будан** мансуб будан, дахл доштан; **оид кардан (намудан)** бурда расондан; **оид шудан (гаштан)** анҷомидан, рафта расидан. 2. аёдаткунанда, зиёраткунанда.

**ОИДА** *а.* عائده суд, фоида, даромад, мадохил.

**ОИДОТ** *а.* عائدات *ҷ.* **оид**; манфиат, суд; даромад.

**ОИДОТӢ** *а.* عائداتی *мансуб ба* **оидот**.

**ОИҚ** *а.* عائق *кит.* монеъ, боздоранда.

**ОИЛ** *а.* عائل ниёзманд; аёлманд.

**ОИЛА** *а.* عائله хонавода, зану фарзанд; хешу табор; **оила барпо кардан (сохтан)** хонавода ташкил кардан; **оила доштан** соҳиби зану фарзанд ва хешу табор будан.

**ОИЛАБЕЗОР** عائلهبیزار он ки ба хонаводааш дилбастагӣ надорад.

**ОИЛАВАЙРОН** عائلهویران он ки оилааш ҷудо шудаст, хонавайрон.

**ОИЛАВӢ** عائلوی *мансуб ба* **оила**; **шабнишинии оилавӣ** нишасте, ки аҳли оила гирди ҳам ҷамъ омада бошанд.

**ОИЛАДОР** عائلهدار он ки зану фарзанд дорад, зандор; соҳиби хонавода; аёлдор, аёлманд, муайййил.

**ОИЛАДОРӢ** عائله داری хонадорӣ, фарзанддорӣ.

**ОИЛАДӮСТ** عائله دوستی марди ба хонаводааш алоқаманд, дилбаста ба хонавода.

**ОИЛАДӮСТДОР** عائله دوستدار *ниг.* **оиладӯст**.

**ОИЛАДӮСТӢ** عائله دوستی дӯст доштани оилаву хонавода; майл бар оила ва таоҳул.

**ОИЛАНОК** عائله ناک *ниг.* **оиладор**.

**ОИН** I آئین 1. расм, урф, одат, тарзу тариқ, қоида; **оини вафо** расму тарзу қоидаи вафодорӣ; **оини падарон** оини ниёгон; расму одатҳое, ки гузаштагон ба он пайравӣ мекардаанд. 2. шариат, мазҳаб, кеш, дин, суннат, тариқат. 3. ҷашн, сур. 4. шева, оҳанг.

**ОИН** II آئین ороиш, зинат; оин бастан оростан, зинат додан (*мас., ҷоеро ба муносибати ҷашне*).

**ОИН** III آئین асбобе, ки бо он мост ва равғанро аз ҳам ҷудо мекунанд, ширзана.

**ОИНА** I آئینه 1. шишаи пушташ сирдавонда, ки сурати чизҳоро дар худ акс мекунад, миръот. 2. *гуфт.* шиша. 3. *гуфт.* тиреза. 4. *адш., маҷ.* дил, қалб. 5. *адш., маҷ.* дили соф; ◊ **оинаи гетинамой** *асот.* оинаи Искандарӣ, **оинаи ҷаҳоннамо**; **оинаи ёд** *киноя аз* хотира; **оинаи нилгун** телевизор; **оинаи огоҳӣ** *киноя аз* ақлу шуур; **оинаи ховар** *киноя аз* хуршед.

**ОИНА** II آئینه пораҳои оҳан, ки ҷанговарон ба мақсади дифоъ дар пушт, сари сина ва ронҳо насб мекарданд ва онро чоройна низ меномиданд.

**ОИНА** III عاینه ҳол, сурат, маврид; **ҳар оина** ба ҳар ҳол, дар ҳар сурат.

**ОИНАБАНД** آئینه بند 1. шишакорӣ; **оинабанд кардан** тирезадор кардан, шиша шинондан (*ба пеш ё атрофи ҷое*). 2. шахси шишакор ва шишабанд. 3. *киноя аз* муҷалло ва музайян кардан.

**ОИНАБАНДӢ** آئینه بندی амали оинабанд; оинадорӣ: **айвони калони оинабандӣ**.

**ОИНАБАНДОН** آئینه بندان бо оина зинат додани дару девори хона, айвон *ва г.*

**ОИНАБИН** آئینه بین он ки бо роҳи ба оина нигоҳ кардан гӯё ҷои шахс ва чизи гумшударо нишон медиҳад.

**ОИНАБОЗӢ** آئینه بازی ба таври пайваста ва доимӣ ба оина нигоҳ кардан ва худро ороиш додан.

**ОИНАВОР** آئینه‌وار чун оина, шаффоф ва дурахшон.

**ОИНАГАР** آئینه‌گر оинабанд, оинакор, шишагар, усто ва косиби кори оинаву шиша.

**ОИНАГАРӢ** آئینه‌گری *ниг.* **оинасозӣ**, **оинабандӣ**.

**ОИНАГУН** آئینه‌گون 1. шаффоф, ҷилодор чун оина. 2. *маҷ.* соф, дурахшон, муҷалло: **осмони оинагун, қалби оинагун**.

**ОИНАДОН** آئینه دان ҷилди оина, ғилофи оина.

**ОИНАДОР** آئینه دار 1. он кас ё он ҷое, ки оина дорад. 2. он ки дар пеши касе оина нигоҳ медорад.

**ОИНАДӮЗӢ** آئینه‌دوزی бо оинаҳои хурд-хурд ороиш додани либосҳо.

**ОИНАКИРДОР** آئینه‌کردار *ниг.* **оинагун**.

**ОИНАКОРӢ** آئینه‌کاری 1. оинабандӣ, шишабандӣ. 2. *маҷ.* музайянкорӣ.

**ОИНАҚАДӢ** آئینه‌قدی оинае, ки дар он тамоми бадан дида мешавад, оинаи қаднамо.

**ОИНАРУХСОР** آئینه‌رخسار *маҷ.* зебо, хушрӯ, нозанин.

**ОИНАРӮ(Й)** آئینه رو(ی) *ниг.* **оинарухсор**.

**ОИНАСОЗ** آئینه ساز *ниг.* **оинагар**.

**ОИНАСОЗӢ** آئینه سازی оинагарӣ, оинабандӣ.

**ОИНАСОН** آئینه‌سان 1. чун оина, шаффоф. 2. *маҷ.* муҷалло ва музайян.

**ОИНАТОБ** آئینه‌تاب *маҷ.* чун оина, тобанда, рахшанда.

**ОИННОМА** آئین‌نامه маҷмӯи қоидаҳое, ки фаъолияти созмон, ҳизб, муассиса ва муносибатҳои мутақобилаи онҳоро бо созмону шаҳрвандони дигар танзим менамоянд.

**ОИННОМАВӢ** آئین ناموی *мансуб ба* **оиннома**.

**ОИНПАРАСТ** آئین پرست 1. урфпараст, анъанахоҳ, расмпараст. 2. кӯҳнапараст.

**ОИС** *а.* آیس *кит.* ноумед, маъюс.

**ой** آی *асоси замони ҳозира аз* **омадан**, биё.

**ОЙ** آی *нидо* ҳой!, эй!

**ОКАСА** آکسه *кит.* даровехта, чангзада, овезон.

**ОКАҶ** آکج *кҳн.* чангаки оҳанине, ки бо он ях ва киштиро мекашанд, яхгир; қуллоб.

**ОКИЛ** *а.* آکل хӯранда, хӯрокхӯр.

**ОКИЛА** *а.* آکله *тиб.* бемории хӯра, хӯрабод.

**ОКИФ** *а.* عاکف *кит.* 1. бо ҷидду ҷаҳд машғулшаванда ба коре; риёзаткаш. 2. муқим, муваттин, иқоматкунанда дар ҷое. 3. дар масҷид барои ибодат нишаста, гӯшанишин, хилватгузин, мӯътакиф.

**ОКСИГЕН** *ю.* آکسگین унсури химиявӣ, туршизо.

**ОКСИДҲО** آکسدها *хим.* омезиши унсурҳо бо оксиген.

**ОКТЯБР** *ю.* آکتیبر 1. моҳи даҳуми солшумории мелодӣ. 2. *таър.* инқилоби Октябр.

**ОКТЯБРӢ** آکتیبری *мансуб ба* **октябр**; он чи дар моҳи октябр рӯй додааст.

**ОҚ** *а.* عاق фарзанде, ки аз фармуди падару модар баромадааст ва эшон аз ӯ рӯ тофтаанд; ба лаънати падару модар гирифторшуда; фарзанди саркаш, нофармон; **оқи ватан** мардуди ватан; **оқи падар** лаънаткардаи падар; **оқ кардан** лаънат кардан (*падар писарро, устод шогирдро*), рад кардан, мардуд кардан.

**ОҚИБ** عا قب *шакли гуфтугӯии* **ақиб**.

**ОҚИБАНДОЗ** عاقب انداز *гуфт.* захира, пасандоз, андӯхта; **оқибандоз кардан** пасандоз кардан, захира кардан, андӯхта мондан (*чизеро барои рӯзи мабодо*).

**ОҚИБАТ** *а.* عاقبت 1. охир, дар охир, ниҳоят. 2. саранҷом, натиҷа; **оқибати кор** анҷоми кор; **оқибаташ ба хайр шавад**! ба некӣ анҷомад (орзуи некӣ).

**ОҚИБАТАНДЕШ** عاقبت اندیش 1. он ки анҷоми кореро андеша мекунад. 2. *маҷ.* дурбин, мулоҳизакор.

**ОҚИБАТАНДЕШӢ** عاقبت اندیشی мулоҳиза кардан, охир ва натиҷаи кореро андешидан.

**ОҚИБАТУЛАМР** *а.* عاقبت الامر саранҷом, интиҳои кор.

**ОҚИЛ** *а.* عاقل боақл, хирадманд, доно, бофаҳму идрок.

**ОҚИЛӢ** عاقلی боақлӣ, хирадмандӣ.

**ОҚИЛОНА** عاقلانه хирадмандона, аз рӯи ақл ва фаросат: **кори оқилона, тадбири оқилона**.

**ОҚИЛТАРОШ** عاقل تراش *маҷ.* он ки худро доно мешуморад ва худро оқил ба қалам медиҳад.

**ОҚИЛТАРОШӢ** عاقل تراشی амали оқилтарош; худро оқил вонамудан.

**ОҚИПАДАР** عاق پدر *ниг.* **оқ**.

**ОҚО** *т.* آقا *ниг.* **оғо**.

**ОҚСАҚОЛ//ОҚСАҚҚОЛ** *т.* عاقسقال 1. ришсафед, пирмарди соҳибэҳтиром; калонтари деҳ, сардор. 2. *таър.* сардор, сардори маҳалла, деҳа ё сардори як гурӯҳ косиб ва ҳунарпешагон (*яке аз мансабҳои хурди маъмурӣ дар гузашта*).

**ОҚСАҚҚОЛӢ** *т.* عاقسقالی 1. кор ва мансаби оқсаққол, он чӣ мансуб ба оқсақол аст. 2. *маҷ.* мағрурӣ: **оқсаққолӣ кардан** даҳанкалонӣ кардан.

**ОҚУБАТ** عاقبت *шакли гуфтугӯии* **оқибат**.

**ОҚШУДА** عاق شده *сифати феълии замони гузашта аз* **оқ шудан**; *ниг.* **оқ**.

**ОЛ** I آل сурхча, гулгун; **ашки ол** ашки сурх, мурод аз гиряи сахти пурсӯзу гудоз.

**ОЛ** II آل фарзандон, авлод, хонавода; **оли Сомон** авлоди Сомон, Сомониён.

**ОЛ** III آل 1. мӯҳри подшоҳӣ, сикка, имзо. 2. *таър.* мӯҳри подшоҳони муғул ва элхонон, ки бо ранги сурх зада мешуд .

**ОЛАВ** آلو *гуфт.*, *ниг.* **алов**.

**ОЛАВМОН** آلو مان *гуфт.*, *ниг.* **оташмон**.

**ОЛАВМОНӢ** آلومانی *гуфт.*, *ниг.* **оташмонӣ**.

**ОЛАВХОНА** آلو خانه *гуфт.*, *ниг.* **аловхона**; ҷое, ки оташ гиронда мешавад, оташдони дегҳои бухорӣ.

**ОЛАК** آلک 1. сурхча; кафши олак. 2. *гуфт.* бад, ганда.

**ОЛАМ** *а.* عالم 1. ҷаҳон, дунё. 2. муҳит, вазъият, шароит, ҳолат; **дар олами бехудӣ** дар шароити (ҳолати) бехудӣ; **олами ислом** кишварҳое, ки пайравони дини ислом он ҷо зиндагӣ мекунанд: **олами наботот**, **олами ҳайвонот** ; **дар олами худ** ба фикри худ, дар хаёли худ, ба таври худ; **рӯи олам** гирду атроф, гӯшаю канор; **як олам, олам-олам** хеле бисёр; **аз олам бехабар** нодон, ҷоҳил, ноогоҳ; **оламу одам дидан** ҷаҳондида будан, таҷрибакор будан, аз ҳама чиз воқиф будан; **аз олам гузаштан** мурдан, фавт кардан; ◊ **олам гулистон** ҳама чиз хуб, ҳама кор ба ҷо; **олами ҳодис** дунёи модӣ, моддиёт, дорулфано.

**ОЛАМАФРӮЗ** عالم افروز *маҷ.* Офтоб, Хуршед, Меҳр (*сифати Офтоб*).

**ОЛАМБИН** عالم بین :*маҷ.* **чашми оламбин** чашми бисёр бино (*сифати одами мулоҳизакор, дурандеш*).

**ОЛАМГАРД** عالم گرد ҷаҳонгард, сайру сафаркунанда, сайёҳ.

**ОЛАМГИР** عالم گیر 1. он чи тамоми оламро фаро мегирад; шӯҳратёфта, хеле машҳур; **оламгир шудан** ҳама ҷоро фаро гирифтан, машҳуру маъруф гардидан (*дар коре*). 2. ҷаҳонгир.

**ОЛАМДИДА** عالم دیده *ниг.* **ҷаҳондида**.

**ОЛАМИЁН** عالمیان 1. аҳли олам, мардумон. 2. *таър.* яке аз мансабҳои рӯҳониён дар Бухорои давраи амирӣ.

**ОЛАМНАМО** عالم نما *ниг.* **ҷаҳоннамо**.

**ОЛАМОРО(Й)** عالم آرا(ی) 1. *маҷ.* ҳар кас ва ҳар чиз, ки бар зебоии олам саҳм дорад. 2. *маҷ.* офтоб: **офтоби оламоро**.

**ОЛАМОШӮБ** عالم آشوب шӯрангез.

**ОЛАМПАНОҲ** عالم پناه *маҷ.* 1. хуб, нағз, аъло; зебо. 2. мурочиат ба подшоҳону амирону султонон.

**ОЛАМПИСАНД** عالم پسند *маҷ.* мақбули ҳама; зебо, хуб, нағз.

**ОЛАМСӮЗ** عالم سوز *маҷ.* шӯрангез, пуршӯр, ҳасратангез.

**ОЛАМТОБ** عالم تاب нурбахш, фурӯғафкан ба ҳама (*сифати Офтоб ва Моҳ*).

**ОЛАМФУРӮЗ** عالم فروز *ниг.* **оламафрӯз**.

**ОЛАМШУМУЛ** *а.* عالم شمول он чи ба тамоми олам шомил аст, он чи аҳамияти ҷаҳонӣ дорад, умумиҷаҳонӣ.

**ОЛАТ** *а.* آلت 1. асбоб, анҷом. 2. *маҷ.* восита; **олат шудан (дар дасти** *касе*) бозичаи дасти касе гардидан. 3. узв, андом; узви таносул.

**ОЛАШ** *т.* آلش *бот.* як навъ дарахти шамшодмонанд, бук.

**ОЛАШЗОР** آلش زار ҷои анбӯҳи дарахти олаш.

**ОЛБОЛУ** آلبالو *ниг.* **олуболу.**

**ОЛҒУНА** آلغونه *кит.* сурхӣ, ки занон ба рӯй меmоланд, ғоза, гулгуна.

**ОЛИДАРАҶА** عالی درجه он ки мақом ва дараҷаи баланд дорад; он чи сифат ва қурби воло дорад.

**ОЛИҚАДР** عالی قدر баландмартаба, баландпоя, мӯҳтарам.

**ОЛИМ** *а.* عالم соҳиби илм, донишманд, дононда; **олими беамал** он ки мувофиқи дониши худ кордорӣ намекунад, касе, ки илм дораду амал надорад.

**ОЛИМАҚОМ** عالی مقام олидараҷа, баландпоя (*дар мансаб*).

**ОЛИМАНСАБ** عالی منصب он ки мансаб ва мақоми баланд дорад.

**ОЛИМАРТАБА** عالی مرتبه 1. *ниг.* **олидараҷа**. 2. унвони эҳтиромии мансабдорони баландмартаба.

**ОЛИМӢ** عالمی донишмандӣ, донандагӣ, вуқуфи зиёд дошта дар соҳае.

**ОЛИМНАМО** عالم نما он ки худро олим метарошад, он ки олими ҳақиқӣ нест.

**ОЛИМОНА** عالمانه олимвор, монанди олим: **мунозираи олимона**.

**ОЛИМПИАДА** *ю.* آلیمپیئده мусобиқаҳои варзишӣ; мусобиқаҳои мактабиён: **олимпиадаи байналхалқӣ.**

**ОЛИМПӢ** آلیمپی *мансуб ба* **олимпиада**; **бозиҳои олимпӣ** мусобиқаҳои байналхалқӣ дар тамоми навъҳои асосии варзиш.

**ОЛИМТАРОШ** عالم تراش *ниг.* **олимнамо**.

**ОЛИМШАВАНДА** عالم شونده он ки дар роҳи олим шудан мекӯшад, он ки аз вай умеди олим шудан ҳаст.

**ОЛИНАЖОД** عالی نژاد он ки нажоди олӣ дорад, он ки ба хонадони олӣ нисбат дорад; асилзода, озоданажод, шарафманд.

**ОЛИНАСАБ** عالی نسب *ниг.* **олинажод**.

**ОЛИРУТБА** عالی رتبه *ниг* **.олимартаба.**

**ОЛИСИФАТ** عالی صفت дорои сифат ва хислати некӯ ва баланд.

**ОЛИТАБИАТ** عالی طبیعت он ки дорои сифатҳои нек мебошад, наҷиб.

**ОЛИТАБОР** عالی تبار *ниг.* **олинажод**.

**ОЛИҲА** *а.* آلهه 1. *асот.* он чи дар ҷоҳилият парастиш мекарданд, санам, бут. 2. *маҷ.* зебо, ҷамил; ◊ олиҳаи ҳусн, зебосанам.

**ОЛИҲАЗРАТ** عالی حضرت баландмартаба, олиҷоҳ (*лақаби подшоҳон*).

**ОЛИҲАШАМ** عالی حشم он ки ҳашамат ва дабдабаи баланд дорад.

**ОЛИҲИММАТ** عالی همت сахӣ, ҳимматбаланд.

**ОЛИҲИММАТӢ** عالی همتی ҳимматбаландӣ, саховат.

**ОЛИҲИММАТОНА** عالی همتانه босаховат, сахиёна, назарбаландона, бузургворона.

**ОЛИҶАНОБ** عالی جناب 1. баландқадр, арҷманд. 2. олиҳиммат, назарбаланд. 3. *гуфт.* хуб, нағз, сазовори таҳсин ва тақдир: **филми олиҷаноб, асари олиҷаноб**.

**ОЛИҶАНОБӢ** عالی جنابی 1. бузургӣ. 2. баландҳимматӣ.

**ОЛИҶАНОБОНА** عالی جنابانه 1. бузургворона. 2. баландҳимматона.

**ОЛИҶОҲ** عالی جاه *ниг.* **олимартаба**.

**ОЛИШАЪН** عالی شأن 1. дорои шаън ва мартабаи олӣ, бисёр наҷиб. 2. яке аз унвонҳои ашхоси олитабор.

**ОЛИШОН** عالی شان *ниг.* **олишаън**.

**ОЛИШУКӮҲ** عالی شکوه дорои шукӯҳ ва дабдабаи баланд.

**ОЛӢ** *а.* عالی баланд, бузург; **мактаби олӣ**, **маълумоти олӣ**, **Маҷлиси Олӣ**; **Ҷаноби Олӣ**, **ҷазои олӣ** ҷазои аз ҳама баландтар.

**ОЛИЯ** *а.* عالیه 1. *муаннаси* **олӣ**. 2. чизи баланд, олӣ; хислати олӣ.

**ОЛЛОҲ** *а.* آللّٰه *ниг.* **Аллоҳ**; Худо.

**ОЛМОНӢ** آلمانی *мансуб ба* **Олмон** (Германия); **забони олмонӣ**.

**ОЛОИДАН** آلایدن *ниг.* **олудан**.

**ОЛОИШ** آلایش 1. нопокӣ, олудагӣ. 2. фисқу фаҳш.

**ОЛОЛА** آلاله 1. *кит., бот.* гуле бо рангҳои зард, сафед ё қирмиз, ки дорои навъҳои гуногун ва хусусияти зинатӣ мебошад. 2. хонаводаи ин гиёҳон, алолагон; шақоиқ.

**ОЛОН(И)ДАН** آلاندن//آلانیدن олуда кардан, ба чизҳои нопок оғушта кардан, олудан.

**ОЛОТ** *а.* آلات *ҷ.* **олат**; **олоти истеҳсол** воситаҳои истеҳсол; **олоти ҳарбӣ** яроқу аслиҳа.

**ОЛОЯНДА** آلاینده олудакунанда, олоишгар.

**ОЛПАЙКАР** آلپیکر *кит.* сурхтан, сурхранг.

**ОЛПӮШ** آلپوش *кит.* сурхпӯш, он ки либоси сурх ба тан дорад.

**ОЛТИНГӮГИРД** آلتین گوگرد *ниг.* **гӯгирд**, кибрит.

**ОЛУ** آلو меваест обдори ширин ба ранги сиёҳ ё сурхтоб.

**ОЛУБОЛУ** آلوبالو меваест сурхранги туршмаза аз ҷинси гелос.

**ОЛУБОЛУГӢ** آلوبالوگی *мансуб ба* **олуболу**; **мураббои олуболугӣ**.

**ОЛУБОЛУҚОҚ** آلوبالوقاق *гуфт.* олуболуи хушкида ё хушконидашуда.

**ОЛУБОЛУРАНГ** آلوبالورنگ 1. ба ранги олуболу. 2. *маҷ.* сурхранг ва ҷигариранг.

**ОЛУҒДА** آلغده *кит.* қаҳролуд, хашмгин; ҷангара.

**ОЛУҒУНДОР** آلوغوندار *ниг.* **олучин**.

**ОЛУД** آلود *мухаффафи* **олуда**, *ки ҳамчун ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* олуда *меояд*; **ашколуд**, **заҳролуд**, **хунолуд**...

**ОЛУДА** آلوده *сифати феълии замони гузашта аз* **олудан**; он чи ба чизи нопок оғишта шудааст.

**ОЛУДАГӢ** آلودگی олоиш, оғуштагӣ ба нопокӣ.

**ОЛУДАДОМАН** آلوده دامن *маҷ.* бадном, тардоман.

**ОЛУДАДОМОН** آلوده داماں *ниг.* **олудадоман**.

**ОЛУДАДОМОНӢ** آلوده دامانی олудадомон будан.

**ОЛУДАКОРӢ** آلوده کاری *кит.* анҷом додани кори зишту ғайриахлоқӣ, зишткорӣ, бадахлоқӣ.

**ОЛУДАКУНАНДА** آلوده کننده он чи ё он ки муҳити зист ва ҳар унсури моддӣ ё маънавиро олуда мекунад.

**ОЛУДАН** آلودن олуда кардан, чиркин кардан (ё шудан), ба нопокӣ оғушта кардан чизеро ё оғушта шудани чизе; *муқоб.* **полудан**.

**ОЛУДАСОЗ** آلوده ساز он ки ё он чи муҳити атроф ё чизи дигарро олуда месозад.

**ОЛУЗОР** آلوزار ҷои анбӯҳи дарахтони олу, боғи олу.

**ОЛУҚ** *т.* آلوق *таър.* маблағе, ки амалдорони амир ҳар моҳ ба дарбор мебурданд.

**ОЛУҚОҚ** آلوقاق *гуфт.* хушкида ва хушккардаи олу.

**ОЛУС** آلوس коҷ, аҳвал, каҷбин.

**ОЛУФТА** آلفته 1. ринд, бебок, шӯрида. 2. худоро, худпардоз.

**ОЛУФТАБОЗ** آلفته باز он ки бо олуфтаҳо (1) сарукор дорад, олуфтаписанд.

**ОЛУФТАВОР** آلفته وار кирдор ва рафтори чун олуфтагон, риндона, бебокона.

**ОЛУФТАГӢ** آلفتگی амал ва кирдори олуфта, олуфтагарӣ.

**ОЛУФТАНАМО** آلفته‌نما олуфтамонанд, зоҳиран чун олуфтаҳо; олуфтатарош.

**ОЛУФТАСАТАНГ** آلفته ستنگ бисёр олуфта.

**ОЛУФТАТАРОШ** آلفته تراش *ниг.* **олуфтанамо**.

**ОЛУЧА** آلوچه як навъ олуи хурди турш аз хонаводаи олу.

**ОЛУЧАБАНДАК** آلوچه بندک як навъи олуча аз хонаводаи олу.

**ОМ(М)** *а.* عام 1. ҳамаро фарогиранда, ҳамагонӣ, оммавӣ: **қатли ом, ҳуҷуми ом**. 2. мардум, авом.

**омад** آمد *асоси замони гузашта аз* **омадан**.

**ОМАД** آمد 1. омадан; **омади об** рафти об, сӯи ҷараёни оби равон; **омади шамол** самти вазиши бод, тарафе, ки бод аз он мевазад; **дар омади гап** дар рафти гап, дар аснои сухан, зимнан; **омаду рафт** рафтуой; **омаду рафт кардан**. 2. барор, пешрафт, равнақу ривоҷ; **омади кор** пешравии кор, барор гирифтани кор; **омад кардан** барор гирифтан, рӯ ба пешрафт кардани коре; **омад-омад** *гуфт.* дар аснои омадан, пешопеши омадан, дар арафаи омадан.

**ОМАДА** آمده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **омадан**. 2. пешомад, он чи рӯй додааст; **аз омада бояд хушнуд буд**; **омада-омада** *гуфт.* акнун, ҳоло; то ин вақт дуруст буду акнун дигар шуд.

**ОМАДАН** آمدن 1. ба ҷое ворид шудан, ба ҷое расидан; *муқоб.* **рафтан**. 2. расидан. 3. фаро расидан. 4. шудан; **лозим омадан, наздик омадан, дучор омадан, ҷамъ омадан.** 5. бо исмҳои маънӣ омада, воқеъ шудани ҳолате ё ҳодисаеро мефаҳмонад; **гиря омадан, ханда омадан, раҳм омадан, қаҳр омадан; рост омадан** а) дучор шудан, вохӯрдан (*бо касе*); б) мувофиқ омадан, муносиб воқеъ шудан; **шинам омадан** ба қаду басти касе зебидан, мувофиқ омадани либосе; **ба миён омадан** пайдо шудан, сар шудан; **ба кор омадан** даркор шудан, мавриди истифода қарор гирифтан; **ба дунё омадан** таваллуд ёфтан, зоида шудан, пайдо шудан, ба вуҷуд омадан; **ба об омадан** обталаб шудан; **барф омадан** ба бориш сар кардани барф; **ба ҳам омадан** пайвастан, пайваст ёфтан, сиҳат шудани ягон ҷароҳат; **хуш омадан (-и коре,** *чизе***)** писанд будан, форидан; **хоб омадан** майли хоб пайдо шудан; **ба забон омадан** гап задан, ба гапзанӣ сар кардан, гап мезадагӣ шудан; **ба худ омадан** ҳушёр шудан, аз беҳолӣ хориҷ шудан; **ба ҷон омадан** дар тангӣ мондан, танг шудан, ҷон бар лаб расида; **ба сар омадан** воқеъ шудан; **ба ёд омадан** ба хотир расидан; **аз даст омадан** қудрати иҷрои кореро доштан, тавонистан, қодир будан; **ба ҷӯш омадан** ғалаён кардан (*об*); **хуш омадан** иборае, ки вақти қабули меҳмон мегӯянд.

**ОМАДУРАФТ** آمدورفت рафтуой, алоқа; **омаду рафт кардан** муносибат, муомила кардан.

**ОМАДУРАФТКУНАНДА** آمدورفت کننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **омадурафт кардан**, он ки ба ҷое доимо омаду рафт дорад.

**ОМАДУШУД** آمد وشد *ниг.* **омадурафт**.

**ОМЕҒ** آمیغ *кит.* омезиш, ихтилот, омехтан ба чизе ё ба касе.

**ОМЕЗ** آمیز 1. *асоси замони ҳозира аз* **омехтан**; **омез додан** омехтан, махлут кардан. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* дар бар доштани чизе: **хандаомез**, **маслиҳатомез**, **гилаомез**...

**ОМЕЗА** آمیزه омехта, махлут, имтизоҷ, ихтилот.

**ОМЕЗГОР** آمیزگار омезанда, унсгиранда, хӯгиранда, улфат; хоҳони муошират; шарик, ҳамнишин.

**ОМЕЗГОРӢ** آمیزگاری унсгирандагӣ, улфатӣ; хушмуомилагӣ.

**ОМЕЗИШ** آمیزش *грам. исми феълӣ аз* **омез** I; ба ҳамомехтан, омехта шудан, таркиб, **имтизоҷ ёфтан** тамоман омехта шудан, дар чизи омехта ҳал шуда рафтан.

**ОМЕЗИШЁБӢ** آمیزشیابی *ниг.* **омезиш**.

**ОМЕХТА** آمیخته 1. *шакли дигари сифати феълии замони гузаштаи* **омехта**. 2. ихтилотёфта, бо ҳам омезишёфта, махлут: **омехтаи сурбу қалъагӣ; омехта шудан** ба ҳам омехтани ду ё чанд чиз, ихтилот.

**ОМЕХТАГӢ** آمیختگی 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **омехтан**. 2. *ниг.* **омезиш**.

**ОМЕХТАН** آمیختن омезиш додан, махлут кардан, ихтилот додан.

**ОМИЁНА** آمیانه авомона, мардумӣ.

**ОМИЛ** *а.* عامل 1. амалкунанда, иҷрокунандаи коре. 2. *таър.* ҳоким, волӣ, раис. 3. *таър.* андозгир, хироҷгир, ҳисобдор; коргузор. 4. донанда, воқиф; **омил будан** моҳир будан дар кор, кардан; **омил шудан** воқиф гаштан,

маҳорат пайдо кардан дар коре; **омил кардан** *касеро* **ба коре** моҳир кардан, ба иҷрои коре касеро вогузоштан. 5. сабаб, боис.

**ОМИН** I *а.* آمین *д.* қабул кун, бипазир (*калимаест, ки дар охири дуо гуфта мешавад*); **омин гуфтан (кардан)** қабул бод гуфтан (*дар охири дуо ва фотиҳа*).

**ОМИН** II *а.* آمین бебим, бетарс, бехавф, эмин.

**ОМИНА** آمینه 1. *муаннаси* **омин** II. 2. номи модари Муҳаммад пайғамбар.

**ОМИНГӮӢ** آمین گویی фотиҳа кардан, омин гуфтан, дуову фотиҳа кардан.

**ОМИНГӮЙ** آمین گوی омингӯянда, даст ба фотиҳа бардоранда.

**ОМИР** I *а.* آمر амркунанда, фармондеҳ, ҳоким, ҳукмрон.

**ОМИР** II *а.* عامر 1. таъмиркунанда, ободкунанда; зинатдиҳанда. 2. зиёраткунанда. 3. иқоматкунанда дар маҳалли маъмур.

**ОМИР** III *а.* عامر номи яке аз қабилаҳои араб, ки Маҷнун ба он мансуб буд.

**ОМИРОНА** آمرانه ба оҳанги амр, ҳокимона, ҳукмронона.

**ОМӢ** *а.* عامی 1. авом, мардумӣ. 2. *маҷ.* бесавод, нодон.

**ОММА** عامه 1. мардум, тӯдаи мардум, умуми мардум; **оммаи аҳолӣ** умуми мардум, аксарияти аҳолӣ. 2. *маҷ.* мардуми бесавод; **забони омма** забони аксарияти мардум, забони мардуми омӣ.

**ОММАБОБ** عامه باب он чи ба завқ ва талаби оммаи аҳолӣ муносиб ва мувофиқ аст; **молҳои оммабоб** молҳое, ки истеъмоли васеи умумӣ доранд.

**ОММАВӢ** عاموی 1. *мансуб ба* **омма**, мардумӣ; **оммавиву тарбиявӣ**. 2. *маҷ.* умумӣ.

**ОММАГӢ** عامگی *ниг.* **оммавӣ**.

**ОММАПИСАНД** عامه پسند мақбул ва писандидаи умум.

**ОММАФАҲМ** عامه فهم 1. мафҳум ба тамоми аҳолӣ, дастраси умум. 2. *маҷ.* равон, сода, фаҳмо (*оид ба таҳрир*).

**ОММАФАҲМӢ** عامه فهمی *мансуб ба* **оммафаҳм**.

**ОМОДА** آماده муҳайё, тайёр; **омода кардан** тайёр кардан, муҳайё намудан, фароҳам сохтан; **омода гардидан (шудан)** тайёр шудан (*ба иҷрои коре*).

**ОМОДАБОШ** آماده باش дар ҳолати тайёрӣ, дар ҳолати омодагӣ, тайёршавӣ.

**ОМОДАГӢ** آمادگی *ниг.* **омодабош**.

**ОМОДАГОҲ** آماده گاه ҷои тайёрӣ, ҷои тадорукот, маҳали омодабош.

**ОМОДАСОЗӢ** آماده سازی кор ва амали тайёр кардани касе ё чизе барои иҷрои ягон амал.

**ОМОДАШАВӢ** آماده شوی омода шудан, тайёр шудан.

**ОМОЛ** *а.* آمال *ҷ.* **амал**; уммеду орзу.

**ОМОНИМ** آمانیم *збш.* калимаҳои шаклан бо ҳам монанд. ҳамгун (*збш.*); таҷнис (*адш.*).

**ОМОР** آمار шумор, ҳисоб, ҳисобу китоб.

**ОМОРГАР** آمارگر он ки ҳисоби оморро ҷамъоварӣ, гурӯҳбандӣ ва баррасӣ мекунад, оморгир, баҳисобгиранда.

**ОМОРГИР** آمارگیر он ки ба ҷамъоварии омор машғул аст.

**ОМОРГИРӢ** آمارگیری амали ҷамъоварии омор.

**ОМОРИДАН** آماریدن 1. шуморидан, ҳисоб кардан. 2. *маҷ.* аҳамият додан, ба назар гирифтан.

**ОМОРӢ** آماری *мансуб ва марбути* **омор**; истифодаи омор дар таҳияи коре: **иттиллооти оморӣ, ҳисоби оморӣ**.

**ОМОРШИНОС** آمار شناس ҳисобшинос, он ки қобилият ва малакаи шумориданро дорад.

**ОМОС** آماس дамидагии ягон узви бадан дар натиҷаи беморӣ ё ҷароҳат, варам.

**ОМОСДОР** آماس دار 1. мубталои омос, дорои омос, варамдор. 2. он чи омосу варам ва бардамидагӣ дорад.

**ОМОСИДА** آماسیده *сифати феълии замони гузашта аз* **омосидан**; варамкарда.

**ОМОСИДАГӢ** آماسیدگی омосида будан, вазъ ва ҳолати омосида.

**ОМОСИДАН** آماسیدن *шакли дигари сифати*

*феълии замони гузаштаи* **омосида**; варамидан, варам кардан, омос гирифтан.

**ОМОСӢ** آماسی *ниг.* **омосида** I.

**ОМОСКАРДА** آماس کرده *ниг.* **омосида;** варамкарда.

**ОМОҲ** آماه *кит., тиб.* омос, варам, варамкарда, варамида.

**ОМОҲИДА** آماهیده *кит.* омосида, варам карда, мутаваррим.

**ОМОҲИДАН** آماهانیدن *кит.* омосидан, варам кардан, таваррум.

**ОМОҲОНАНДА** آماهاننده *кит.* омосонанда, варамкунонанда.

**ОМОҲОНИДАН** آماهانیدن *кит.* омосонидан, таврим.

**ОМОЧ** آماچ позаи чӯбин барои рондани замин.

**ОМОҶ** I آماج *кит.* хоктӯдае, ки нишони тир бар он насб кунанд, омоҷгоҳ.

**ОМОҶ** II آماج *ниг.* **омоч**.

**ОМОҶГАҲ** آماجگه *ниг.* **омоҷгоҳ**.

**ОМОҶГОҲ** آماج گاه *кит.* нишонгоҳи тир.

**ОМУДА** آموده *кит.* ороста, оросташуда, зинатдода, ороишёфта.

**ОМУДАН** آمودن 1. оростан, пиростан, зиннат додан. 2. сохтан, бино кардан.

**ОМУЛА** آمله *бот.* дарахтест дар Ҳиндустон, ки аз он доруи дарди чашм тайёр мекунанд.

**ОМУННОС** *а.*عام الناس авом, мардуми одӣ.

**ОМУРҒ** آمرغ *кит.* 1. нафъ, суд, фоида. 2. қадр, қимат, арзиш. 3. ночиз, кам, андак.

**ОМУРЗГОР** آمرزگار *д.* бахшоянда, афвкунанда; бахшандаи гуноҳон (*сифати Худо*).

**ОМУРЗГОР** آمرزگار амали омурзгор, бахшандагӣ, афв.

**ОМУРЗИДА** آمرزیده он ки ё он чи мавриди бахшиш ва афв қарор гирифтааст, бахшидагӣ, афвшуда.

**ОМУРЗИДАН** آمرزیدن ҷурму гуноҳ бахшидан, афв кардан, гузаштан (*аз гуноҳи касе*).

**ОМУРЗИШ** آمرزش *ниг.* **омурзидан**; бахшидани гуноҳ, авф кардан, бахшидан (*гуноҳи касеро*); **омурзиш талабидан** авф ва бахшиши гуноҳеро пурсидан.

**ОМУТ** آموت *кит.* ошёни ҷонварони шикорӣ (*ҳамчун боз, шоҳин*); ошёна.

**омӯз** آموز 1. *асоси замони ҳозира аз* **омӯхтан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* омӯзанда (**донишомӯз, коромӯз, худомӯз**...) *ва* омӯзонанда (**адабомӯз, пандомӯз**...).

**ОМӮЗА** آموزه *нав.* маҷмӯаи андешаҳо ва назарияҳои фалсафӣ, сиёсӣ, илмӣ *ва г.*; назария, ақидаҳо.

**ОМӮЗАНДА** آموزنده1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **омӯхтан**; ёдгиранда, дарсгиранда, шогирд, талаба. 2. ёддиҳанда, муаллим, устод.

**ОМӮЗАНДАГӢ** آموزنده گی *шакли дигари сифати феълии замони ҳозираи* **омӯзанда**; омӯзанда будан, ҳолат ва чигунагии омӯзанда.

**ОМӮЗГОР** آموزگار ёддиҳанда чизеро ба касе, муаллим, дарсгӯй, устод, донишёр.

**ОМӮЗГОРӢ** آموزگاری шуғл ва кори омӯзгор, муаллимӣ, ёд додани чизе ба касе, донишёрӣ.

**ОМӮЗИДАН** آموزیدن *кит.* омӯхтан, дониш гирифтан.

**ОМӮЗИШ** آموزش 1. ёд гирифтан, таълим гирифтан (*чизеро аз касе*). 2. ёд додан, таълим додан, омӯхтан (*чизеро ба касе*).

**ОМӮЗИШГОҲ** آموزشگاه ҷои омӯхтани илму ҳунаре: **омӯзишгоҳи омӯзгорӣ**.

**ОМӮЗИШГОҲӢ** آموزشگاهی *мансуб ва марбут ба* **омӯзишгоҳ**.

**ОМӮЗИШӢ** آموزشی 1. *мансуб ба* **омӯзиш**; он чи мавриди омӯзиш аст; қобили омӯзиш. 2. *кит.* омӯзанда, толиби илм, дӯстдори омӯхтан.

**ОМӮЗИШКАДА** آموزش کده *ниг.* **омӯзишгоҳ**.

**ОМӮЗОНДАН//ОМӮЗОНИДАН** آموزاندن//آموزانیدن омӯхтан, ёд додан, таълим додан (*чизеро ба касе*).

**ОМӮЗХОНА** آموزخانه *кит.* ҷо ва маҳалли омӯзиш, макони таълим, дарсхона.

**ОМӮХТА** آموخته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **омӯхтан**. 2. ёдгирифта, таълимги-

рифта, одаткарда(*ба чизе*); **дили омӯхта балои ҷон** (*зарб.*). 3. ромшуда, дастомӯз (чорпо); **аспи омӯхта; омӯхта шудан** одат кардан, хӯ гирифтан, унс гирифтан.

**ОМӮХТАГӢ** آموختگی 1. одаткарда, хӯ карда. 2. касе, ки чизеро (*илмеро, пешаеро*) омӯхтааст.

**ОМӮХТАН** آموختن 1. ёд гирифтан, аз худ кардан, фаро гирифтан (*чизеро аз касе*). 2. ёд додан, таълим додан, омӯзондан (*чизеро ба касе*). 3. тадқиқ кардан, таҳқиқ кардан (*масъалаеро*), санҷидан.

**ОМӮХТАНӢ** آموختنی он чи бояд омӯхта шавад, он чи сазовори омӯхтан аст.

**ОМӮХТГОРӢ** آموختگاری *кит.* хӯ кардагӣ, одат, хӯгирифтагӣ.

**ОМФАҲМ** عام فهم *кит., ниг.* **оммафаҳмӣ**.

**ОН** I آن *ҷонишин* 1. *ҷонишини шахси сеюми танҳо*: вай, ӯ. 2. *ишораҷонишин*, ки ба чизи дур ё шахси ғоиб ё ба чизи номбаршуда ишора мекунад: **он кас**, **он чиз**. 3. *ҷонишини соҳибӣ*, ки бо изофа омада, соҳибиятро ифода мекунад: **(аз) они ту** моли ту, чизи ту; **он гуна**... ба он дараҷа, то ба он андоза, чунин; **они дигар** дигаре, каси дигар, дуюмӣ; **дар он буд, ки**... аз он иборат буд, ки...; **он тараф истад**... сарфи назар аз...; **ҳар он чи**... ҳамаи чизҳоеро ки, маҷмӯи...; **аз они худ кардан** соҳибӣ кардан ба чизе, соҳиб шудан; **ҳар он кас ки**... ҳар касе ки; **аз они худӣ** одами (ба мо) наздик, одами худӣ; **дар он дунё** *д.* дар дунёи дигар, дар охират.

**ОН** II آن лаҳза, як дам, муддати андак; **дар як он** дар як лаҳза, дар як дам, дар андак муддат; **дар они воҳид** дар айни замон, дар як вақт, дар як лаҳза.

**ОНА** *т.* آنه *гуфт.* модар; ◊ **онаи (зори)** *касеро* **нишон додан** касеро сахт ҷазо додан.

**ОНАКАЛОН** آنه کلان модаркалон.

**ОНАМУРҒ** آنه مرغ мурғи чӯҷадор.

**ОНВАҚТА** آنوقته *мансуб ба* замони гузашта; мансуби он замон: **дар Бухорои онвақта**.

**ОНДУН** آندون *кит.* 1. он ҷо; он сӯй, он тараф. 2. чунон, ончунон. 3. он гоҳ, он замон.

**ОНДУНЁЙ** آندنیایی *мансуб ба* **он дунё**.

**ОНИН** آنین *кит.* хумчае, ки дар он аз ҷурғот равған ҷудо мекунанд; ширзана, наҳра.

**ОНИФ** *а.* آنف 1. нангдоранда. 2. ром, оҳиста. 3. аввал, пештар, собиқ. 2. бинидард, он ки дарди бинӣ дорад.

**ОНИФАН** *а.* آنفاً андаке пеш аз ин, собиқан.

**ОНКОЛОГИЯ** *ю.* آنکالاگیه *тиб., ниг.* **саратоншиносӣ**.

**ОНКОЛОГӢ** آنکالاگی *мансуб ва марбут ба* **саратоншиносӣ**.

**ОНОМАСТИКА** *ю.* آنامستیکه *збш.* як соҳаи забоншиносӣ, ки исмҳои хосро меомӯзад, номшиносӣ.

**ОНТОЛОГИЯ** *ю.* آنتالاگیه *фалс.* (*дар фалсафаи идеалистӣ*) таълимоти метафизикӣ дар бораи ҳастӣ.

**ОНУК** I *а.* عانک *кит.* сурб, қурғошим.

**ОНУК** II *а.* عانک 1. регтӯдаи калон. 2. *маҷ.* монеа.

**ОПЕРА** *ит.* آپیره *санъ.* асари драмавии мусиқавӣ, ки дар он иштироккунандагон бо ҳамоҳангии оркестр месароянд.

**ОПЕРАВӢ** آپیروی *мансуб ба* **опера**.

**ОПЕРАТИВӢ** آپیره تیوی фаврӣ, таъҷилӣ; зудамал.

**ОПЕРЕТТА** *ит.* آپیریتّه *санъ.* яке аз навъҳои операи ҳаҷвӣ, ки иштироккунандагон ҳам гап мезананд ва ҳам месароянд.

**ОППОРТУНИЗМ** *фр.* آپّارتونیزم *с.* сиёсати созишгарона, ҳамкорӣ ва муросохоҳона бо буржуазия дар ҳаракати коргарӣ.

**ОППОРТУНИСТ** *фр.* آپّارتونیست *с.* созишгар, муросокор.

**ОППОРТУНИСТӢ** آپّارتونیستی *с. мансуб ба* **оппортунист**; созишгарона, бо роҳи мувосо.

**ОПТИКА** *ю.* آپتیکه *физ.* як соҳаи физика, ки ҳодисаҳои оид ба нур ва хосиятҳои нурро меомӯзад.

**ОПТИКӢ** آپتیکی *физ., мансуб ба* **оптика**: **асбобҳои оптикӣ**.

**ОПТИМИЗМ** *лот.* آپتیمیزم *фалс.* назари некбинона ба ҳаёт, боварӣ ба ғалабаи некӣ бар бадӣ, хушбинӣ, хушназарӣ.

**ОПТИМИСТ** *лот.* آپتیمیست *фалс.* некбин, хуш-

назар.

**ОПТИМИСТӢ** آپتیمیستی *фалс. мансуб ба* **оптимист**; некбинона, бо назари нек.

**ор** آر *асоси замони ҳозира аз* **овардан.**

**ОР** *а.* آر ҳаё, шарм; **нангу ор; ор будан (**-и коре, чизе ба *касе*) боиси шармандагӣ ва нанг будан; **ор донистан** нанг ҳисоб кардан, боиси шармандагӣ(-и худ) шумурдани коре; **ор доштан** шарм кардан, боиси нанг шумурдани коре; **ор кардан (намудан)** шарм кардан, чизеро ба худ нанговар донистан; **ор омадан** дар ҳиҷолат мондан.

**ОРАЗ** *а.* عارض рухсора, ду бари рӯй, рӯй, чеҳра.

**ОРАЗӢ** عارضی навъе аз гули сурх.

**ОРАМИДА** آرمیده *ниг.* **оромида**.

**ОРАМИДАН** آرمیدن 1. ором гирифтан, ором шудан, осудан, хобидан; қарор гирифтан. 2. *кҳн.* ром шудан, унс гирифтан.

**ОРАНГ** I آرنگ *ниг.* **оранҷ**.

**ОРАНГ** II آرنگ ранг; сурхӣ.

**ОРАНГ** III آرنگ азоб, машаққат, алам, озор.

**ОРАНГ** IV آرنگ ҳамоно, гӯё; гӯё, ки.

**ОРАНДА** آرنده **оваранда**.

**ОРАНҶ//ОРИНҶ** آرنج бандгоҳи соид ва бозу, оринҷ.

**ОРАСТА** آرسته ороста, пероста.

**ОРАСТАН** آرستن оростан.

**ОРГАНИКӢ** آرگنیکی он чи ба олами ҳайвонот ва набототу дахл дорад, узвӣ: **моддаҳои органикӣ**, **химияи органикӣ**.

**ОРД** آردсуда ва кӯфтаи ғаладона; **орди гандум**, **орди ҷав** *ва г.*; **орд кардан** ба орд мубаддал кардани ғалладона.

**ОРДАК** آردک хока, суда; **доруи ордак** доруҳои ордмонанд.

**ОРДБЕЗ** آردبیز 1. он ки ордро элак мекунад. 2. он чи ба воситаи он ордро мебезанд, элак, парвезак.

**ОРДБЕЗАК** آردبیزک *ниг.* **ордбез** 2.

**ОРДБЕЗӢ** آردبیزی амали ордбез, орд бехтан.

**ОРДБЕЗХОНА** آردبیزخانه хонаи махсус дар нонвойхонаҳо барои бехтани орд.

**ОРДБИРЁН** آردبریان 1. орди бирён, ки барои пухтани атола, ҳалво ва ғайра истифода мекунанд. 2. гардсӯз, ордоб (*навъи хӯрок*).

**ОРДВОР** آردوار мисли орд, чун орд гардшуда.

**ОРДЕН** آردین нишони сари сина, ки барои хизматҳои намоён дода мешавад, нишон.

**ОРДЕНДОР** آردیندار он ки орден (нишон) дорад.

**ОРДИНАТОР** *лот.* آردینتار *тиб.* пизишки муолиҷакунанда дар беморхона, дармонгоҳ *ва г.*

**ОРДИНАТУРА** *лот.* آردینتوره 1. вазифаи ординатор. 2. курси махсуси таҷрибаафзоии пизишкон.

**ОРДӢ** آردی он чи мансуб ва марбут ба орд аст, он чи аз орд сохта мешавад.

**ОРДКАШ** آردکش 1. он ки дар осиёб ғалларо орд мекунад. 2. шахсе, ки бо мошин орд мекашонад.

**ОРДКАШӢ** آردکشی амали ордкаш, орд кашидан.

**ОРДОБ(А)** آرداب//آردابه *ниг.* **ордбирён**.

**ОРДОР** آردار он ки ор, нанг, шарм ва ҳаё дорад, баномус.

**ОРДСОЗӢ** آردسازی орд кардан. табдил додани ғалладона (*ҷав, гандум ва г.*) ба орд.

**ОРДФУРӮШ** آردفروش он ки ба фурӯхтани орд машғул аст.

**ОРДФУРӮШӢ** آردفروشی амали ордфурӯш; ҷой ва маҳалли фурӯши орд.

**ОРДХАЛТА** آردخلته халтае, ки ба он орд мегиранд.

**ОРЕ** آری *калимаи ҷавобии тасдиқӣ (грам.)* бале, хӯш.

**ОРЕҒ** آریغ *кит.* кина, адоват; нафрат; дилсардӣ, дилхунукӣ.

**ОРЗУ** آرزو 1. хоҳиш, майл (-и расидан, ба даст овардани чизе); мурод, мақсад; **баҳори орзу**,

**орзу и висол, нияти орзу**. 2. умед, армон, чашмдошт, интизорӣ. 3. ҳавас, иштиёқ. 4. матлуб, дилхоҳ (*шахс, маҳбуба*); **орзуи хушк** орзуи ҳавоӣ, орзуи хоми амалинашаванда; **орзуву ҳавас** армон ва иштиёқ (умед); **дар орзуи** *чизе* **будан** умедворӣ доштан(ба чизе); дар хаёли ба даст овардани ягон чизи матлуб ва дилхоҳ будан; **орзу ба хок бурдан** ба мақсад нарасида мурдан; **орзу доштан** хоҳиш ва майли чизеро дар дил парваридан, муштоқ будан ба чизе; **орзу кардан** хоҳиш доштан, майли чизеро дар дил парваридан; **ба орзу расидан** муяссар гардидан ба чизи дилхоҳ(-и касе), ба мақсад расидан, ба муроди худ ноил омадан; **орзуи дӯғро дар маҳтоб шикастан** ба ягон хоҳиш ва матлаби худ норасида, қусури онро аз чизи дигар баровардан; **орзую ҳавас доштан** нияти тӯю тамошо барпо кардан доштан; **орзую ҳавас кардан** тӯю тамошо барпо кардан.

**ОРЗУБАХШ** آرزو بخش он ки орзуи шахсеро ба ҷо меоварад, орзу ба ҷо оваранда.

**ОРЗУДОР** آرزودار орзуманд, муштоқ, толиб.

**ОРЗУДОРӢ** آرزوداری *ниг.* **орзумандӣ**.

**ОРЗУКУШ** آرزوکش барбоддиҳандаи умеду хоҳишҳо.

**ОРЗУМАНД** آرزومند *ниг.* **орзудор**; он ки хоҳиш, иштиёқ ва умеди чизеро дорад, муштоқ, умедвор, толиб, хоҳишманд.

**ОРЗУМАНДӢ** آرزومندی дар дил доштани умеде, мақсаде; орзудорӣ, иштиёқ.

**ОРЗУМАНДОНА** آرزومندانه ба орзумандӣ, бо иштиёқ, боумед, некбинона.

**ОРЗУПАЗИР** آرزوپزیر *ниг.* **орзуманд**.

**ОРЗУПАРВАР** آرزوپرور 1. он ки дар дил орзу мепарварад; *ниг.* **орзудор**. 2. *маҷ.* ҳавасманд, ҳаваскор, булҳавас.

**ОРЗУПАРВАРӢ** آرزوپروری 1. *ниг.* **орзумандӣ**. 2. *маҷ.* ҳаваскорӣ, булҳавасӣ.

**ОРЗУСАНҶ** آرزوسنج орзуманд, хоҳон.

**ОРИДАН** عاریدن ор кардан, нанг доштан, шарм кардан.

**ОРИЁ** آریا 1. номи қавмҳое, ки аз рӯзгорони бисёр қадим дар Эрон, Ҳинд ва Урупо маскан гирифтаанд, нажоди ҳиндуаврупоӣ. 2. номи кишвари ориёиён.

**ОРИЁӢ** آریای *мансуб ба* **ориё: нажоди ориёӣ**.

**ОРИЁН** آریان *ниг.* **ориё** I.

**ОРИЁНАЖОД** آریانژاد он ки аз нажоди ориёӣ аст, нажоди ориёӣ.

**ОРИЁНӢ** آریانی *мансуб ба* нажоди ориёӣ.

**ОРИЗ** *а.* عارض 1. *кит.* аризадиҳанда, арзкунанда, шикоятгар, шиквагар. 2. *кит.* баҳисобгирандаи лашкар; таъмингари сипоҳ. 3. борон. 4. дандон. 5. кӯҳ. 6. рӯйдода, пайдошуда, пайдошаванда, воқеъшаванда; **ориз шудан** рӯй додан, пайдо шудан.

**ОРИЗА** *а.* عارضه 1. *кит.* пешомад, ҳодиса, воқеа, он чи воқеъ мешавад. 2. *кит.* дард, беморӣ, ранҷ, касолат, мараз. 3. ҳоҷат.

**ОРИЗӢ** عارضی *кит.* 1. ғайриаслӣ, сохта, сохташуда. 2. ҳисобдорӣ; таъминоти лашкар.

**ОРИНҶ** آرنج *ниг.* **оранҷ**.

**ОРИНҶБАНД** آرنج بند 1. он ки соиди бозу (*умуман* даст) мебандад. 2. *маҷ.* табиби устухонбанд. 3. он чи бад-он дасту оринҷро мебанданд.

**ОРИНҶМОНАК** آرنج مانک он чи дар дасту оринҷ мемонанд ё мебанданд.

**ОРИНҶШОР** آرنج شار он чи аз оринҷ мешорад ва метаровад; ◊ **палави оринҷшор** палави ниҳоят серравған.

**ОРИФ** *а.* عارف 1. огоҳ, воқиф, маърифат, доно, шиносанда. 2. порсо, аҳли ирфону тасаввуф.

**ОРИФА** *а.* عارفه *муаннаси* **ориф**.

**ОРИФАНДЕШ** عارف اندیش фикри орифона доштан, муҳаққиқ, пажӯҳишгар.

**ОРИФӢ** عارفی парҳезгорӣ; донишмандӣ, суфигӣ, порсоӣ.

**ОРИФОНА** عارفانه он чи махсус ва марбут бар орифон аст.

**ОРИЯ** آریه сӯрохе, ки дандон дар он ҷой дорад.

**ОРИЯТ** I *а.* عاریت чизеро аз касе барои истифодаи муваққат (*ба шарти пас гардонда додан*) гирифтан: **ба орият гирифтан** барои истифодаи муваққатӣ гирифтан чизеро аз касе; **ба орият додан** *чизеро* барои истифодаи муваққатӣ додани чизе ба касе.

**ОРИЯТ** II آریت ор, нанг, шарму ҳаё; **орият кардан** ору номус кардан, кореро боиси нанг шумурдан.

**ОРИЯТАН** *а.* عاريتاً ба таври ориятӣ.

**ОРИЯТӢ** عاريتی он чи мансуб ва марбут бар орият аст: **ҳуҷраи ориятӣ, китоби ориятӣ**.

**ОРИЯТНИШИН** عاريتنشين он ки дар ҷое (*ҳуҷрае, хонае*) ба орият (ба таври ориятӣ) истиқомат мекунад.

**ОРИЯТНОК** عاريتناک он ки орият (II) дорад, баномус.

**ОРӢ** I آری *мухаффафи* **ориёӣ**; *ниг.* **ориёӣ**.

**ОРӢ** II *а.* عاری 1. бараҳна. 2. холӣ, пок, озод, мубарро. 3. сода, нодон. 4. *ниг.* **ордор**.

**ОРКЕСТР** *фр.* آرکستر дастаи мусиқанавозон, ки бо созҳои гуногун якҷоя оҳангеро менавозанд: **оркестри симфонӣ**.

**ОРМОН** آرمان орзу, умед, ҳасрат.

**ОРМОНГАРО** آرمان گرا он ки дар тасаввур ва хаёл орзуи ба таври матлуб сохтани зиндагии худро дорад, тасаввурот ва орзуҳое, ки амалӣ шудани он хеле душвор аст, идеалист.

**ОРМОНГАРОӢ** آرمان گرايی тафаккури ормонгаро, идеалист будан, идеализм.

**ОРМОНӢ** آرمانی*мансуб ба* **ормон**; он чи дарбаргирандаи орзуву ормон аст; **андешаи ормонӣ** мутобиқ ва созгори ормон.

**ОРМОНТАЛАБ** آرمان طلب *ниг.* **ормонгаро**.

**ОРМОНТАЛАБӢ** آرمان طلبی *ниг.* **ормонгароӣ**.

**ОРМОНХОҲ** آرمان خواه орзуманд, ормонгаро.

**ОРМОНХОҲӢ** آرمان خواهی орзумандӣ, ормонгароӣ.

**оро** آرا 1. *асоси замони ҳозира аз* **оростан** (оро додан). 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* ороянда: **базморо**, **суханоро**, **худоро**...

**ОРО** آرا ороиш, зеб, зиннат; **орову торо** зебу зиннат; **оро додан** зиннат додан, оростан, хушнамо гардонидан..

**ОРОГАР** آراگر 1. ородиҳанда, ороишгар, ороянда, тазйингар. 2. машшота.

**ОРОГАРӢ** آراگری он чи мансуб ва марбут ба орогар аст, зинат додан, оро додан, ороиш додан, тазйин.

**ОРОДЕҲ** آراده *ниг.* **орогар**.

**ОРОДЕҲӢ** آرادهی *ниг.* **орогарӣ**.

**ОРОИДАН** آرايدن 1. зинат додан, ороиш додан. 2. барпо кардан, мураттаб сохтан; **базм ороидан** базм барпо кардан; **саф ороидан** саф бастан; **сӯҳбат ороидан** сӯҳбат барпо кардан, барои сӯҳбат ба даври ҳам ҷамъ шудан.

**ОРОИШ** آرايش 1. зинат додан, тазйин. 2. зеб, зинат; **ороиш додан** *ниг.* **оро**; **оро додан**, оростан; **ороиш ёфтан** ороста шудан, базебу зинат шудан.

**ОРОИШГАР** آرايشگر он ки (*касе ё чизеро*) ороиш медиҳад; машшота.

**ОРОИШГОҲ** آرايشگاه ҷои ороишдиҳӣ, макони махсус барои ороишдиҳӣ; коргоҳи машшота.

**ОРОИШДИҲАНДА** آرايش دهنده *ниг.* **орогар**.

**ОРОИШӢ** آرايشی он чи мансуб бар ороиш аст; **асбоби ороишӣ**.

**ОРОМ** آرام 1. сокит, хомӯш, осуда, бе сару садо, сокин. 2. сукун, субот, қарор, тоқат. 3. оҳиста, ҳамвор, ба як қарор; *муқоб.* **шитоб**. 4. батааннӣ, батамкин, вазнин; **хоби ором** хоби роҳат, хоби осуда ва беташвиш, хоби бароҳат; **ором будан** а) сокит будан, беғалоғула ва беташвиш будан; б) осуда, хотирҷамъ будан; **ором гардидан (ёфтан, шудан)** а) оромидан, осудан; б) аз ҳаракат мондан, боз истодан, қатъ шудан; в) фурӯ нишастан (*хашм, изтироб, ҷӯшу хурӯш*); **ором гирифтан** а) дам гирифтан, орамидан, осудан; б) қатъ шудан, пасанда шудан, хомӯш шудан (садо); в) боз истодан (*аз коре, ҳаракате*); г) таскин ёфтан, осуда шудан, аз ҳолати изтироб ва беқарорӣ баромадан; д) кам шудан ё рафъ гардидани дарди узве (*дарди сар,чашм, по ва г.*); е) барпо шудани тинҷӣ ва амонӣ; **ором гузоштан** *касеро* кордор нашудан, осуда, ба ҳоли худ мондан (касеро); **ором додан** сокит кардан, фурӯ нишондани хашму, изтироби касе ё дарде; **ором додан (нафсро)** гуруснагии худро то ҳадде бартараф кардан; **ором кардан** *касеро* таскин додан, фурӯ нишондани хашм ё изтироби касе, сокит намудан, хомӯш кардан, таскин додан; **ором надоштан** беқарор будан, хотир осуда набудан, сукун ва тоқат надоштан; **ороми дил (хотир)** боиси осудагии хотир, тасаллобахши дил;

**ороми ҷон** а) боиси тасалло ва таскини дил; б) *маҷ.* маъшуқа; **ором-ором** ба оромӣ, оромона.

**ОРОМАФАЗО** آرام افزا *ниг.* **оромбахш**.

**ОРОМБАНД** آرامبند *нав.* василае, ки ором баста шудан ва кушода шудани дару дарича ва дигар таҷҳизотро танзим мекунад.

**ОРОМБАХШ** آرامبخش таскиндиҳанда, оромиовар, он ки ва он чи бар одамӣ оромӣ мебахшад: **табиати оромбахш, доруи оромбахш**.

**ОРОМГАҲ** آرامگه *ниг.* **оромгоҳ**.

**ОРОМГОҲ** آرامگاه 1. ҷои осоиш ва истироҳат; хона, маскан. 2. мақбара, дахма, макони фавтидагон.

**ОРОМИДА//ОРАМИДА** آرامیده// آرمیده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **орамидан**. 2. вазнин, бурдбор, ботамкин; ором. 3. хотирҷамъ, беташвиш.

**ОРОМИДАН** آرامیدن *ниг.* **орамидан**.

**ОРОМИШ** آرامش 1. беҳаракатӣ, сукунат, сукут. 2. фароғат, роҳат, осоиш, дамгирӣ, таскинёбӣ. 3. амният, эминӣ, тинҷӣ.

**ОРОМИШГОҲ** آرامشگاه *ниг.* **оромгоҳ**.

**ОРОМӢ** آرامی 1. осудагӣ, беташвишӣ; **ба оромӣ гузашт**ан. 2. хомӯшӣ, сукунат. 3. таскинёбӣ, фурӯ нишастани изтироб, хашм ва асабияту ҷӯшу хурӯш. 4. амният, тинҷӣ; **ба оромӣ** батамкинӣ, бидуни изҳори асабоният, хунсардона, бе изҳори ҷӯшу хурӯш.

**ОРОМОНА** آرامانه 1. бо сукут, ба оромӣ. 2. бофароғат, бароҳат. 3. бешитоб, ботамкин, хотирҷамъона, бо сукуну қарор.

**ОРОМОНДАН** آرامانذن ором кардан, аз ҳаракат монондан, сокит гардондан.

**ОРОМПАЗ** آرام پز *нав.* деги барқӣ, ки хӯрокро дар замони муайян ва оҳиставу ором мепазад.

**ОРОМСӮЗ** آرام سوز он ки ва он чи сабаби нестӣ оромӣ мегардад: **баҳси оромсӯз**, **бути оромсӯз**.

**ОРОМФИЗО//ОРОМАФЗО** آرام فزا//آرام افزا *ниг.* **оромбахш**.

**ОРОМҶОЙ** آرام جای 1. ҷои ором ва осуда. 2. ҷои оромиш, ҷои истироҳат.

**ОРОСТА** آراسته зинатдодашуда, бо зебу зинат, ороишнок, ба назму ба тартиб оварда; **ороста кардан** чунонки бояду шояд, ба ҷо овардани коре; **ба шариат ороста кардани** *чизе* ба шариат мутобиқ ва мувофиқ гардонидани чизе.

**ОРОСТАГӢ** آراستگی ороиш; зебу зинат.

**ОРОСТАН** آراستن 1. зинат додан, ороиш додан. 2. барпо кардан, мураттаб сохтан; **базм оростан** базм барпо кардан; **саф оростан** саф бастан; **сӯҳбат оростан** сӯҳбат барпо кардан, барои сӯҳбат ба даври ҳам ҷамъ шудан.

**ОРО-ТОРО** آرا تارا *гуфт.* зинат, зеб, ороиш.

**ОРОЪ** *а.* آرأ *ҷ.* **раъй**.

**ОРОЯНДА** آراینده *ниг.* **орогар**.

**ОРТАЛАБ** عارطلب ориятталаб.

**ОРУ** آرو *гуфт.* занбӯр.

**ОРУҒ** آروغ боди меъда, ки бо садо аз гулӯ мебарояд: **оруғ додан**, **оруғ задан**.

**ОРУҒДА** آروغده хашмгин, ғазабнок.

**ОРУХОНА** آروخانه 1. хонаи занбӯр. 2. *маҷ.* ҷои сердаробурои сермағал.

**ОРФОГРАФИЯ** *ю.* آرفاگرفیه *ниг.* **имло**.

**ОРФОЭПИЯ** *ю.* آرفائپیه қоидаҳои тарзи талаффузи дуруст.

**ОРФОЭПӢ** آرفائپی *мансуб ба* **орфоэпия**.

**ОС I** آس санги гирде, ки ғалларо ба воситаи он орд мекунанд; ин санг агар бо қуввати об кор кунад, «осиё» ё «осиёб»; агар бо қувваи даст кор кунад, «дастос» мегӯянд.

**ОС II** آس *кит., зоол.* ҷонвари сафедранге, ки нӯги думаш сиёҳ аст ва аз пӯсту мӯи он пӯстин медӯзанд, қоқум.

**ОС III** آس *кит., бот.* дарахтест ҳамешасабз, ки баландтар аз анор буда, баргу гулаш хушбӯст, дар тиб ҳамчун даво кор фармуда мешавад, мӯрд, ранд, исмор.

**ОС IV** آس *кит.* 1. қабр. 2. ёр, соҳиб. 3. хокистаре, ки дар оташдон боқӣ монда аст. 4. нишона; нишона ва аломатҳои иморат ва ободӣ.

**ОС** V آس *кит.* 1. тирандози моҳир, камонвар. 2. камон, силоҳи тирандозӣ.

**ОС** VI آس *кит.* номи қавми эронии сокини Қафқози Марказӣ, ки ҳамчунин бо номҳои ирун, эсҳо ва осетҳо маълуманд.

**ОСА** آسه *кит.* замини барои кишт омода; киштзор.

**ОСАҒДА** آسغده *кит.* муҳайё, тайёр, омода.

**ОСАФ** آصف*кит.* 1. номи вазири Сулаймон, ки ба доноӣ машҳур будааст. 2. *маҷ.* вазири доно, вазири ботадбир.

**ОСАФӢ** آصفی *кит.* вазирӣ, вазирӣ кардан.

**ОСЕБ** آسیب 1. озор, ранҷ, дард. 2. зарар, зиён, газанд. 3. офат, накбат, бало. 4. зарба, садама, кӯфт; **осеб расондан** зарар расондан, зиён ворид сохтан ба чизе.

**ОСЕБДЕҲ** آسیبده осебдиҳанда, ранҷдиҳанда, газандрасон.

**ОСЕБДИДА** آسیبدیده (шахси) зарардида, он ки ба вай газанде расидааст.

**ОСЕБДИҲАНДА** آسیبدهنده *ниг.* **осебдеҳ**.

**ОСЕБРАСОН** آسیبرسان касе ва чизе, ки ба дигарон осеб мерасонад; *ниг.* **осебдеҳ**.

**ОСЕБШИНОС** آسیبشناس *тиб.* пизишки осебшинос.

**ОСЕБШИНОСӢ** آسیبشناسی *тиб.* як бахши илми тиб, ки осеб, сабаби пайдоиш ва анвои он, ҳамчунин равишҳои пешгирию табобати онро мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

**ОСЕВАН** آسیون *ниг.* **осема**.

**ОСЕМА** آسیمه парешон, музтариб, мушавваш; саросема; ҳайрон, шефта; саргашта, девонамиҷоз, осеван; **осема гаштан** (**шудан**) ҳайрон ва парешонхотир шудан; девона шудан.

**ОСЕМАНАЗАР** آسیمه نظر *кит.* шӯрида, нигоҳ, ошуфтаназар; мадҳуш, азҳушрафта, азҳолрафта.

**ОСЕМАСАР//ОСЕМАСОР** آسیمه سر// آسیمه سار саргардон, мутаҳаййир, парешонҳол, саросема.

**ОСЕТИН** آستین миллати эронинажод, ки дар Қафкоз зиндагонӣ мекунад.

**ОСЕТИНӢ** آستینی *мансуб ба* **осетин; забони осетинӣ**.

**ОСИВОР** آسیوار *кит.* монанди гунаҳкор, гунаҳгорсифат.

**ОСӢ** I *а.* عاسی гунаҳкор, нофармон, он ки хилофи нишондоди дину шариат амал мекунад.

**ОСӢ** II آسی *мансуб ва марбут* ба **ос** VI.

**ОСИЁ** I آسیا 1. дастгоҳе, ки дар он ғалладонаро орд мекунанд. 2. ҷои ғалла орд кардан; **осиё ба навбат** (*мақ.*) ҳар кор ба навбати худ, ба навбат бояд риоя кард; **санги зерини осиё** *маҷ.* устувор, барқарор, собит; **як осиё об** обе, ки тавоноии гардондани як осиёберо дорад; **ба осиё(б)и** *касе* **об рехтан** ба пешрафти кори касе боис шудан.

**ОСИЁ** II *ю.* آسیا яке аз қитъаҳои шашгонаи олам.

**ОСИЁБ** آسیاب *ниг.* **осиё** I.

**ОСИЁБОН** آسیابان он ки осиёбонӣ мекунад; соҳиби осиё.

**ОСИЁБОНӢ** آسیابانی касбу кори осиёбон.

**ОСИЁНА** عاصیانه нофармонбардорона, исёнкорона, осивор, монанди осӣ.

**ОСИЁПУЛӢ** آسیاپولی музде, ки ба осиёбон барои орд кардани ғалла дода мешавад.

**ОСИЁСАНГ** آسیاسنگ 1. санги осиё. 2. *маҷ.* санги бузург, санги гарон.

**ОСИЁХОНА** آسیاخانه бинои осиё, ҷои орд кардани ғалла.

**ОСИЁЧАРХ** آسیاچرخ осиёи бодӣ.

**ОСИМ** *а.* آثم гунаҳгор, муҷрим, базаҳкор, осӣ.

**ОСИМАСАР** آسیمه سر *ниг.* **осемасар**.

**ОСИФ I** *а.* عاصف *кит.* боди сахт, тундбод.

**ОСИФ II** *а.* عاثف *кит.* пасрав, тобеъ.

**ОСМОН** آسمان фазои бениҳояти атрофи Замин, ки ба назар кабудранг ва гунбадшакл менамояд, сипеҳр; **аз осмон афтодани** *чизе* ногаҳонӣ ва муфт ба даст даромадани чизе; **осмонро ба сар бардоштан** сахт ва баланд доду фарёд кардан; **осмон ба сари** *касе* **фурӯ рафтан** ба мушкили сахт афтодан, бадбахтии калоне рӯй додан; **ба осмон бардоштан** *касеро*

касеро бисёр ва берун аз ҳад таъриф кардан; **ба осмон дакка задан** хеле баланд бардошта шудан; **ба осмон расидан** бисёр баланд шудан (*мас.*, *овоз*); **осмонро ба замин овардан** иҷро кардани кори маҳоле**; сари** *касе* **ба осмон расидан** хеле сарбаланд ва ифтихорманд шудан; **осмон ба замин начаспидан** ягон ҳодисаи фавқулодда ё ислоҳнопазир ба вуқӯъ наомадан; **осмон шудан** *маҷ.* соҳиби мартабаи баланд шудан; ҳавобаланд, мағрур, каснорас, касношинос ва дастнорас шудан; **осмон баланд (дур), замин сахт** дар мавриди ноилоҷ мондан ва ба мушкили худ чора наёфтан гуфта мешавад; **дар ҳафт осмон ситорае надоштан** ниҳоят нодор ва камбағал будан.

**ОСМОНА** آسمانه *кит.* сақф, шифти хона, шифти бино.

**ОСМОНАСОС** آسمان اساس *кит.* пуршукӯҳ, бузург, азим, олибунёд.

**ОСМОНБӮС** آسمان بوس *маҷ.* хеле баланд; **кӯҳҳои осмонбӯс** кӯҳҳои бисёр баланд.

**ОСМОНВАШ** آسمان وش 1. осмонмонанд. 2. *маҷ.* баланд; бошукӯҳ. 3. *маҷ.* кабуд.

**ОСМОНГАР** آسمان گر *д., маҷ.* Худованд.

**ОСМОНГАРД** آسمان گرد он чи дар осмон парвоз мекунад (*паранда, ҳавопаймо*).

**ОСМОНГИР** آسمان گیر фатҳкунандаи осмон; баландпарвоз, дурпарвоз.

**ОСМОНГОҲ** آسمان گاه баландмартаба, олигоҳ.

**ОСМОНГУН** آسمان گون 1. ба ранги осмон. 2. *маҷ.* кабуд, обиранг, лоҷувардӣ.

**ОСМОНГУНА** آسمانگونه *ниг.* **осмонгун**.

**ОСМОНДАРА** آسمان دره *нуҷ.* роҳи Каҳкашон, Маҷарра.

**ОСМОНЗАДА** آسمان زده *кит.* фалокатзада, шӯрбахт, бадбахт, бахтбаргашта.

**ОСМОНИРАНГ** آسمانی رنگ *ниг.* **осмонгун**.

**ОСМОНӢ** آسمانی 1. *мансуб ба* **осмон**; **кутуби осмонӣ** *д.* китобҳои муқаддаси динӣ; **қазои осмонӣ** балои ногаҳонӣ; **ҷирмҳои осмонӣ** ҷисмҳои осмонӣ, сайёра ва ситораҳо. 2. *мансуб ба* ранги кабуд; *ниг.* **осмонгун**.

**ОСМОНКАФ** آسمان کف *маҷ.* хеле баланд ва пурсадо, раъдвор, пурғулғула; **базми осмонкаф** базми хеле пурдабдаба; **осмонкаф доира навохтан** хеле баланду пурғулғула доира задан.

**ОСМОННАВАРД** آسمان نورد осмонгард, баландпарвоз, ҳавопаймо (*мас.*, *паранда*).

**ОСМОННАМО** آسمان نما абзоре барои намоиши тасвири ҷирмҳои осмонӣ, ситораҳо *ва г.*, афлокнамо.

**ОСМОННИҲОД** آسمان نهاد 1. *ниг.* **осмонасос**. 2. *маҷ.* асилзода, покнажод.

**ОСМОНПАЙМО(Й)** آسمان پیما(ی) осмонсайр, он ки, он чи дар осмон сайр ва гардиш мекунад.

**ОСМОНРАНГ** آسمان رنگ *ниг.* **осмонгун**.

**ОСМОНРАС** آسمان رس *ниг.* **осмонбӯс**.

**ОСМОНРӮЗ** آسمان روز рӯзи 27-уми ҳар моҳи шамсӣ.

**ОСМОНСАЙР** آسمان سیر *кит.* осмоннавард, осмонгард; баландпарвоз

**ОСМОНСАНҶ** آسمان سنج мунаҷҷим, ҳайатшинос, ситорашинос.

**ОСМОНСОЙ** آسمان سای осмонхарош, осмонрас, ниҳоят баланд.

**ОСМОНТАХТ** آسمان تخت *кит.* баландмартаба, олиҷоҳ.

**ОСМОНТОЗ** آسمان تاز *ниг.* **осмонгир**.

**ОСМОНФАР** آسمان فر пуршаъну пуршукӯҳ, бошукӯҳ.

**ОСМОНФАРҲАНГ** آسمان فرهنگ *кит.* донишманд, доно, пурдон.

**ОСМОНХАРОШ** آسمان خراش *маҷ.* 1. бисёр баланди сар бар осмон кашида (*мас., қуллаи кӯҳ*). 2. бинои серошёна.

**ОСМОНХЕЗ** آسمان خیز баланд, пуршукӯҳ.

**ОСМОНШИКОФ** آسمان شکاف *ниг.* **осмонбӯс**.

**ОСМОНШИТОБ** آسمان شتاب *киноя аз* тезрав, тундрафтор.

**осо** آسا 1. *асоси замони ҳозира аз* **осудан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳо мураккаб ба маънои* мисл, монанд, шабеҳ: **барқосо, шеросо, шамъосо**...

**ОСО** آسا 1. зебу зинат, зевар, ороиш; **осо кардан** оростан, зинат додан. 2. хамёза, даҳондара.

**ОСОИДА** آسایده *ниг.* **осуда**.

**ОСОИДАН** آسایدن ором гирифтан, дам гирифтан, истироҳат; **то омадани табар кунда меосояд** (*зарб.*).

**ОСОИШ** آسایش 1. осудан, роҳат кардан, дам гирифтан. 2. осудагӣ, роҳат, истироҳат. 3. оромӣ, тинҷӣ, амният; **осоиш додан** дам додан; **осоиш доштан** дар роҳат будан, дар фароғат будан, осудаву тинҷ будан; **сулҳу осоиш** оштӣ ва амният.

**ОСОИШГОҲ** آسایش گاه ҷои дамгирӣ, маҳалли осоиш, истироҳатгоҳ.

**ОСОИШТА** آسایشته осуда, роҳат, тинҷ, амн.

**ОСОИШТАГӢ** آسایشتگی осудагӣ, осоиш, оромӣ, тинҷӣ, амният.

**ОСОМ** آثام *ҷ.* **исм (гуноҳ).**

**ОСОН** آسان саҳл, сабук; *муқоб.* **душвор**; **кори осон** кори саҳл, кори сабук; **роҳи осон** роҳи сабукгузар; **осон будан** саҳл будан, мушкил набудан, сабук будан; **осон кардан (кореро, мушкилеро)** саҳл гардондан, сабук кардан; **осон шудан** саҳл шудан, сабук шудан; **осон-осон** ба осонӣ.

ОСО

**ОСОНАКАК** آسانکک *гуфт.* хеле сабук, хеле саҳл.

**ОСОНӢ** آسانی саҳл будан, саҳлӣ, сабукӣ; *муқоб.* **душворӣ**; **ба осонӣ** бе душворӣ.

**ОСОНФАҲМ** آسان فهم он чи фаҳмидан ва дарк карданаш саҳл ва сабук аст, фаҳмо.

**ОСОР** *а.* آثار *ҷ.* **асар**; 1. нишонаҳо, аломатҳо, изҳо, нақшҳо (*мас., изи пой ё он чи аз касе боқӣ мемонад*); **осори кӯфтагӣ** нишонаҳои мондагӣ ва афсурдаҳолӣ. 2. таълифот; **осори атиқа** ёдгориҳои айёми қадим.

**ОСОРХОНА** آثار خانه музей.

**ОСТАР//АСТАР** آستر//استر матои қисми даруни ҷома, кӯрпа ва дигар либосҳо; *муқоб.* **абра**.

**ОСТАРВОР** آستروار матои астарбоб, порча ва матоъ, ки барои астар ба кор равад.

**ОСТАРДОР** آستردار либоси астардор, ҳар либос, ки аз таг астар дорад.

**ОСТАРӢ** آستری *мансуб ба* **астар**.

**ОСТАРШОҲӢ** آسترشاهی либосе, ки астараш аз матои абрешим аст.

**ОСТИН** آستین он қисми либос, ки дастро аз сари китф то панҷа мепӯшонад; **остин афшондан** бо ишораи даст рад кардан коре ё чизеро; **астар бар задан** барои анҷоми коре бо азму ҷазм иқдом кардан.

**ОСТИНАФШОНӢ** آستین افشانی беэътиноӣ, бепарвоӣ.

**ОСТИНДАРОЗ** آستین دراز либосе, ки остини дароз дорад.

**ОСТИНДОР** آستین دار либосе, ки остин дорад; *муқоб.* **беостин**.

**ОСТИНКӮТОҲ** آستین کوتاه либосе, ки остинаш аз оринҷ болост..

**ОСТИНФИШОН** آستین فشان хиромон; рақскунон.

**ОСТИНЧА** آستینچه дастаке, ки вақти ба танӯр часпонидани нон то оринҷ мепӯшанд.

**ОСТОН** آستان *ниг.* **остона**.

**ОСТОНА** آستانه 1. баландие дар қисми даромадгоҳи хона, поиндарӣ, даромадгоҳи хона; чӯби зерини дар ё дарвоза. 2. даргоҳ, боргоҳ. 3. банди об, монеаи ҷараёни об; **дар остонаи**... а) дар арафаи..., дар оғози...; б) дар даромадгоҳи ҷое...; **остонаи** *касеро* **бӯсидан** таъзим кардан; **аз остонаи** *касе* **пой кандан** бо касе рафтуои худро бас кардан, қатъи муносибат кардан бо касе; **остонаи ҷоеро охурча кардан** ба ҷое бисёр рафтуой кардан; **остонаи** *касе* **аз тилло шудан** хеле давлатманд шудан.

**ОСТОНАБАРО** آستانه برا **:остонабаро шудан** *маҷ.* ба гаваккашӣ сар кардани бача.

**ОСТОНАБӮС** آستانه بوس *кит.* зиёрати бузургон.

**ОСТОНРӮБ** آستان روب *кит.* хизматгор, ходим.

**ОСУҒДА** آسغده *кит.* ҳезуми нимсӯхта, ҳезуми нимсӯзи сиёҳшуда, осӯхта.

**ОСУДА** آسوده 1. *сифати феълии замони гузаштаи* **осудан**. 2. беғам, беташвиш, даросоишбуда, хотирҷамъ, ором, тинҷ, роҳат, фориғ; **осуда гардидан (шудан)** ором шудан, тинҷ шудан, аз ташвиш раҳидан, хотирҷамъ шудан; **осуда нафас гирифтан** хотирҷамъ шудан, баъд аз ташвише ба оромӣ расидан, ором

шудан; **осуда гузоштан** *касеро* ба ҳоли худ мондан, кордор нашудан, ташвиш надодан, безобита накардан (касеро); **осуда кардан (намудан)** аз ташвиш раҳонидан, ором кардан, хотирҷамъ намудан.

**ОСУДАГӢ** آسودگی оромӣ, тинҷӣ, осоиш; фароғат, дар роҳат будан, хотирҷамъӣ.

**ОСУДАДИЛ** آسوده دل ором, хотирҷамъ, беташвиш, беизтироб.

**ОСУДАДИЛОНА** آسوده دلانه бааромӣ, беташвиш.

**ОСУДАКОРӢ** آسوده کاری *кит.* сусткорӣ, танбалӣ, коҳилӣ.

**ОСУДАН** آسودن ором гирифтан, дам гирифтан, роҳат кардан; дами беғам задан.

**ОСУДАХАЁЛ** *ниг.* **осудахотир**.

**ОСУДАХОТИР** آسوده خاطر *ниг.* **осудадил**.

**ОСУДАҲГОҲ** آسوده گاه *кит.* маҳал ва макони осоишу истироҳат, осоишгоҳ.

**ОСУДАҲОЛ** آسوده حال осударӯзгор, он ки вазъаш тинҷу ором аст; **деҳқони осудаҳол**.

**ОСУДАҲОЛӢ** آسوده حالی осудаҳол будан.

**ОСУДАҲОЛОНА** آسوده حالانه ба осудагӣ, оромона.

**ОСУДАҶОН** آسوده جان *ниг.* **осудадил**.

**ОСУДАҶОНӢ** آسوده جانی *ниг.* **осудадилӣ.**

**ОСУРӢ** آسوری *мансуб ба* **Осур** (Ошур, Сурия).

**ОТА** آته *гуфт.* падар.

**ОТАНГ** آتنگ ресмони аз чарм ё навдаҳои тар бофташуда, ки онро ду карда аз юғ мегузаронанд ва ба воситаи мехи чӯбӣ ба сурохиҳои тири сипор устувор мекунанд.

**ОТАШ** آتش 1. он чи аз сӯхтани чӯб, ангишт ё газ ба вуҷуд меояд ва дорои гармию равшанӣ мебошад. 2. *маҷ.* ҷӯшу хурӯш; сӯзу гудоз, эҳтироз: **оташи ишқ, оташи ғазаб, оташи дил** сӯзу гудози дил; **оташу об** ду чизи тамоман ба ҳамдигар зид, ду чизи соқиткунандаи якдигар; **оташу дуд** ду чизи ба ҳам тавъам; **оташ набошад, дуд намешавад** (*зарб.*); **оташи ҷудоӣ** *маҷ.* сӯзу гудози ҷудоӣ; **оташ андохтан ба дили** *касе* касеро ба изтиробу хурӯш овардан, касеро ба хашму ғазаб овардан; **оташ афрӯхтан** алав даргирондан; **оташ афтодан ба** *ҷое* даргирифтан, сӯхтан; **оташ афтодан** *ба дили касе* безобита шудан, ҳаросон шудан, бетоқат шудан; **оташ афшондан (фишондан)** оташ пошидан, алав сар додан; **оташ боридан аз чашм** дар ҳолати хашму ғазаб будан; **оташ гирифтан** а) даргирифтан, сӯхтан; **ҷомааш оташ гирифт**; б) *маҷ.* хашмгин шудан, тез ва асабонӣ шудан; **оташ даргирондан** оташ афрӯхтан; **оташ додан** сӯзондан, даргирондан; **оташ задан** сӯзондан, алав мондан, алав сар додан ба ҷое; **оташи** *касеро* **доман задан** *маҷ.* касеро хашмгин кардан, барангехтан; **оташ кушодан (аз тӯп, туфанг)** тир холӣ кардан; **оташ(ро) куштан** оташро хомӯш кардан; **оташ мондан ба** *чизе* даргиронданн чизе; **оташ паридан аз чашм** сахт зарба расидан ба чашм; **оташи** *касеро* **паст кардан** хашму ғазаби касеро фурӯ нишондан, ором кардан, таскин додан; **оташ пошидани чашм** барқ задан, дурахшидани чашм; **оташ(ро) фурӯ нишондан** а) оташро куштан, хомӯш кардан; б) *маҷ.* фитнаеро паст кардан; **миёни ду оташ мондан** *маҷ.* чи кор кардан ва ба куҷо рафтани худро надонистан.

**ОТАШАК** I آتشک 1. *шакли тасғири* **оташ**; лахча. 2. барқ, соиқа.

**ОТАШАК** II آتشک як навъ бемории мева (*себ, зардолу*), ки дар рӯи он холҳои сиёҳи сахт пайдо мешавад ва мева сахту камоб мегардад.

**ОТАШАК** III آتشک кирми шабчароғ.

**ОТАШАК** IV آتشک *тиб.* маразест ки дар олати таносул пайдо мешавад; **обилаи оташак** обилаи фарангӣ.

**ОТАШАНГЕЗ** آتش انگیز 1. оташафрӯз, оташдиҳанда. 2. *маҷ.* гӯяндаи суханҳои тезу тунд; хашмгин.

**ОТАШАНДОЗ** آتش انداز он ки дар ҷангҳо оташ ба сӯи душман меандозад; барангезандаи ҷанг.

**ОТАШАНДУД** آتش اندود 1. оташолуд; оташгун, оташмонанд. 2. *маҷ.* ғамангез, ҳузновар.

**ОТАШАРОБА** آتش ارابه *кҳн.* қатора.

**ОТАШАФРӮЗ** آتش افروز 1. оташдиҳанда. 2. *маҷ.* алавмон, суханчин, кинадӯз.

**ОТАШАФРӮЗӢ** آتش افروزی 1. оташ даргирондан. 2. *маҷ.* фитнаангезӣ, суханчинӣ, барҳам

задани муносибати касон.

**ОТАШАФШОН** آتش افشان оташпош, оташбор; **кӯҳи оташафшон** вулқон.

**ОТАШАФШОНӢ** آتش افشانی *мансуб ба* оташ пошидан ба атроф; оташ афшонидан: оташафшони(и вулқон).

**ОТАШБАЁН** آتش بیان *маҷ.* он ки нутқ ва гуфтори пуртаъсир ва ҷаззоб дорад.

**ОТАШБАЁНӢ** آتش بیانی гуфтор ва каломи муассиру ҷаззоб, нутқи пурҳарорату ҳаяҷонбахш.

**ОТАШБАНД** آتش بند фурӯ нишондани оташ; **сеҳри оташбанд** афсуне, ки гӯё бо хондан ва навиштани он оташ фурӯ менишинад.

**ОТАШБАРГ** آتش برگ чақмоқ; оташзана.

**ОТАШБАРДОР** آتش بردار тобовар ба оташ; **хишти оташбардор** хиште, ки ба оташ тобовар аст

**ОТАШБАС** آتش بس қатъ кардани ҷанг; мусолиҳа.

**ОТАШБОЗ** آتش باز 1. мушакпарон, мушакбоз. 2. он ки дар саҳнаи сирк бо оташ бозӣ мекунад.

**ОТАШБОН** آتشبان *кит.* нигаҳбони оташкада, нигаҳбони оташ.

**ОТАШБОЗӢ** آتش بازی 1. мушакпаронӣ, тарфбозӣ. 2. *мансуб ба* **оташбоз** 2.

**ОТАШБОР** آتش بار 1. он чи оташ меборад, оташпошанда, шӯълавар, сӯзон. 2. *маҷ.* ҷаззоб, шӯрангез, гарму ҷӯшон, дурахшон, ҳаяҷоновар: **нутқи оташбор, табъи оташбор; оҳи оташбор** оҳи пурсӯзу гудоз; **чашми оташбор** чашми барқзан, чашми тобон; **нигоҳи оташбор** нигоҳи ҷаззоб.

**ОТАШБОРӢ** آتش باری оташафшонӣ (*аз мусалсал ва г.*).

**ОТАШБОРОН** آتش باران 1. ҳадафи тири зиёд қарор додан ҷоеро: **оташборон кардан** *ҷоеро*. 2. *маҷ.* **бо нутқ оташборон кардан** ба сухани пурҷозиба сомеонро пахш кардан ва тахти таъсир қарор додан; **бо чашм оташборон кардан** тавассути зебоии чашм дили дигаронро тасхир ва ошиқ кардан.

**ОТАШВАШ** آتشوش *ниг.* **оташгун**.

**ОТАШВОР** آتش وار чун оташ, оташгун, шабеҳи оташ.

**ОТАШГАР** آتش گر 1. он ки бо оташ кор мекунад, мисли оҳангар, заргар, мисгар *ва г.* 2. бавуҷудоварандаи оташ.

**ОТАШГАРДОН** آتش گردان *кит.* зарфи симини ҳалқадор, ки дар он ангиштро даргиронда дар ҳаво чарх мезанонанд, то зудтар даргирад, оташгархоҳ, оташсурхкун.

**ОТАШГАРӢ** آتش گری 1. кор кардан бо оташ. 2. тез кардан, обутоб додан.

**ОТАШГАРХОҲ** آتش گرخواه *кит., ниг.* **оташгардон**.

**ОТАШГИР** آتش گیر 1. оташгиранда, оташангез, зудсӯз, сӯзон. 2. он чи бо он оташ мегиронанд, фурӯзонандаи оташ.

**ОТАШГИРА** آتش گیره оташдаргирон, пешдаргирон, пешгирон.

**ОТАШГИРАК** آتش گیرک афзори душоха, ки бо он оташ мегиранд ва ё оташ дуруст мекунанд.

**ОТАШГИРАНДА** آتش گیرنده *ниг.* **оташгир**.

**ОТАШГИРОН** آتش گیران 1. *феъли ҳол аз замони ҳозира*: **оташгирон омадан** оташафрӯхта омадан: оташ дар даст омадан. 2. он ки ва он чи оташ мегирад; *ниг.* **оташгир**. 3. *маҷ.* он ки фитнаангезӣ мекунад.

**ОТАШГИРОНАК** آتش گیرانک он чи ба воситаи он оташ мегиронанд, оташгира.

**ОТАШГОҲ** آتشگاه оташкада, маъбади оташпарастон, ибодатгоҳи зардуштиён.

**ОТАШГУЛ** آتشگل навъи гул, аз ҷинси гули сурх.

**ОТАШГУН** آتشگون арғувонӣ, сурхи баланд; **оби оташгун** майи сурх; **лаъли оташгун.**

**ОТАШДАМ** آتش دم оташнафас: **мурғи пӯлодболи оташдам** *киноя аз* ҳавопаймо.

**ОТАШДЕҲ** آتشده *ниг.* **оташдиҳанда**.

**ОТАШДИДА** آتش دیده 1. ба оташ афтода, ба оташ дучоршуда; сӯхта, алаврасида; **чун мӯи оташдида** аз азоб печутоб хӯрда. 2. таҷрибадида, корозмуда, сӯзу гудоз дида, аз гарму сард огоҳ.

**ОТАШДИҲАНДА** آتش دهنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **оташ додан**; оташафрӯз; сӯзонанда (ҷоеро); **оташдиҳандагони ҷанг** *киноя аз* касони афрӯзандаи ҷанг, ононе ки барои сар кардани ҷанг баҳонае меҷӯянд.

**ОТАШДОН** آتش دان ҷое, ки оташ афрӯхтаанд, кӯра; манқал, дегдон; **сарфаи сари оташдон беҳ аз савдогари Ҳиндустон** (*зарб.*).

**ОТАШЗАБОН** آتش زبان *ниг.* **оташбаён**.

**ОТАШЗАБОНӢ** آتش زبانی *ниг.* **оташбаёнӣ**.

**ОТАШЗАН** آتش زن оташафрӯз, сӯзонандаи чизе.

**ОТАШЗАНА** آتش زنه 1. пешдаргирон, алавдаргирон, пешгирон. 2. санги оташ, санги чақмоқ, оташбарг, санг ё оҳане, ки онро ба санге зада, оташ мебароранд.

**ОТАШЗАНАНДА**آتش زننده *ниг.* **оташангез**.

**ОТАШИН** آتشین 1. *мансуб ба* **оташ**; чун оташ, ба ранги оташ, аз оташ пайдошуда. 2. *маҷ.* пурҳарорат, оташбор, гарму ҷӯшон, ҳаяҷонангез; **нутқи оташин, оҳи оташин, саломи оташин**. 3. хашмгин, қаҳролуд, ғазабнок; **оташин кардан** *касеро* боиси хашми касе гардидан, ба хашму ғазаб овардан; **оташин шудан** ғазабнок шудан, хашм гирифтан, дар қаҳр шудан.

**ОТАШИНӢ** آتشینی 1. бадқаҳрӣ, хашмнокӣ, ҳолати хашму ғазаб, хашмгин будан. 2. пурҳароратӣ, пурҳайяҷонӣ.

**ОТАШИНҚАЛАМ** آتشین قلم қаламдасте, ки суханаш муассир ва ҳаяҷоновар аст: **шоири оташинқалам**.

**ОТАШИНМИЗОҶ** آتشین مزاج шахси тундхӯ, тез, асабӣ.

**ОТАШИНМИЗОҶӢ** آتشین مزاجی он чи мансуб ба оташинмизоҷ аст; тундхӯӣ, тезӣ, асабоният.

**ОТАШИННАФАС** آتشین نفس *ниг.* **оташбаён: адиби оташиннафас**.

**ОТАШИНОНА** آتشینانه бо хашм, дар ҳолати хашму ғазаб.

**ОТАШИНСУХАН** آتشین سخن 1. *ниг.* **оташбаён**. 2. *маҷ.* он ки табъу хӯи тез ва хашмгин дорад; *муқ.* **оташинмизоҷ**.

**ОТАШИНТАБЪ** آتشین طبع шоире, ки пурҳарорат ва таъсирбахш шеър мегӯяд; **шоири оташинтабъ** шоире, ки салиқаи баланд дорад.

**ОТАШИНХОНА** آتشین خانه **:оташинхонаи сахтҷӯш** *кит. киноя аз* дунё, ҷаҳон.

**ОТАШИНХӮ(Й)** آتشین خو(ی) *ниг.* **оташинмизоҷ**.

**ОТАШИНХӮӢ** آتشین خوئی *ниг.* **оташинмизоҷӣ**.

**ОТАШӢ** آتشی 1. *мансуб ба* **оташ**. 2. *маҷ.* бисёр базеб, назаррас.

**ОТАШКАДА** آتشکده *таър.* ибодатгоҳи зардуштиён, ки дар он оташ ба таври доимӣ фурӯзон буд.

**ОТАШКОВ** آتش کاو олати чӯбин ва ё оҳанин барои кофтани оташ.

**ОТАШКОВАК** آتش گاوک *ниг.* **оташков**.

**ОТАШКОР** آتش کار он ки бо оташ сару кор дорад; оҳангар, кӯрабон, гӯлахӣ *ва г.*

**ОТАШКУШ** آتش کش 1. кушандаи оташ, хомӯшкунандаи оташ. 2. *маҷ.* он ки фитнаву машғаларо фурӯ менишонад.

**ОТАШКУШАК** آتش کشک воситаи оташкушӣ; **асбоби оташкушӣ** воситаи фурӯ нишондани оташ.

**ОТАШКУШӢ** آتش کشی 1. хомӯш кардани сӯхтор ва оташ. 2. *маҷ.* хомӯш кардани фитнаву мағал.

**ОТАШКУШОЙ** آتش کشایی оғоз кардан ба тирандозӣ ( *аз тӯп, пулемёт, милтиқ ва г.*).

**ОТАШҚАЛАМ** آتش قلم *ниг.* **оташинқалам**.

**ОТАШЛИБОС** آتش لباس *кит.* сурхпӯш.

**ОТАШМАНИШ** آتش منش *кит., ниг.* **оташмизоҷ**.

**ОТАШМИЗОҶ** آتش مزاج *ниг.* **оташинмизоҷ; инсони оташмизоҷ** инсони тундхӯ ва асабӣ.

**ОТАШМИЗОҶӢ** آتش مزاجی *ниг.* **оташинмизоҷӣ**.

**ОТАШМОН** آتش مان 1. он ки ба оташдон оташ мегиронад, он ки дар дегхонаҳо *ва г.* оташ мемонад; гӯлахӣ. 2. *маҷ.*фитнаангез миёни ду кас.

**ОТАШМОНӢ** آتش مانی он чи мансуб ба оташмон (I, II) аст: **оташмонӣ дар оташдон**; **оташмонӣ миёни ду кас** (*ду касро ба ҳам душман ва ҷангҷӯ кардан*), суханчинӣ.

**ОТАШНАВО** آتش نوا *маҷ.* он ки нолаи пурсӯз дорад; хушовозӣ; хушхонӣ; хониши маҳзунона.

**ОТАШНАВОӢ** آتش نوائی хушовозӣ, хушхонӣ.

**ОТАШНАФАС** آتش نفس *ниг.* **оташбаён**; **шоири оташнафас** сухангӯи пурҳарорат.

**ОТАШНИШОН** آتش نشان *нав.* 1. фурӯнишонандаи оташ, хомӯшкунандаи оташ, хомӯшкунандаи сӯхтор. 2. *маҷ.* рофеи шӯру ҳаяҷон, таскинбахш.

**ОТАШНИШОНӢ** آتش نشانی *нав.* оташнишон будан, идора ё созмоне, ки вазифаи пешгирии сӯхторро дорад: **хадамоти оташнишонӣ, амнияти оташнишонӣ**.

**ОТАШНОК** آتش ناک *ниг.* **оташин**.

**ОТАШОЛУД** آتش آلود 1. оташомехта: **хокистари оташолуд.** 2. *маҷ.* хашмгинона; **нидои оташолуд** нидои хашмгинона ва пурғазаб; **сухани оташолуд** сухани пурҳарорат.

**ОТАШПАРАСТ** آتش پرست он ки оташ парастиш мекунад, зардуштӣ.

**ОТАШПАРАСТӢ** آتش پرستی *мансуб ба* **оташпараст: оини оташпарастӣ; русуми оташпарастӣ**.

**ОТАШПАРОН** آتش پران *ниг.* **оташафшон**: **ярокҳои оташпарон**.

**ОТАШПО(Й)** آتش پا(ی) *маҷ.* тундрав, тезрав; давон.

**ОТАШПОД** آتش پاد *нав.* масолеҳи сохтмонии ба оташ тобовар.

**ОТАШПОРА** آتش پاره лахчаи оташ, ахгар.

**ОТАШПОШАНДА** آتش پاشنده он чи оташ мефишонад; **силоҳи оташафшонанда** (*навъе аз силоҳ*).

**ОТАШРАНГ** آتش رنگ 1. ба ранги оташ. 2. *маҷ.* сурхранг, сурхи баланд.

**ОТАШРЕЗ** آتش ریز 1. сӯзон, фурӯзон; шӯълавар. 2. *ниг.* **оташафрӯз** II.

**ОТАШСУРХКУН** آتش سرخکن *кит., ниг.* **оташгардон**.

**ОТАШСУХАН** آتش سخن *маҷ., ниг.* **оташбаён: нотиқи оташсухан, шоири оташсухан**.

**ОТАШТАБЪ** آتش طبع *ниг.* **оташинмизоҷ**.

**ОТАШТОБ** آتش تاب *ниг.* **оташранг**.

**ОТАШТОБОВАР** آتش تاب‌آور 1. тобовар ба оташсӯзӣ, оташбардор, насӯзанда. 2. *маҷ.* тобовардандаи сахтиву мушкилот; обутобёфта дар баду неки рӯзгор.

**ОТАШФИКАН** آتش فکن *ниг.* **оташандоз** I, II.

**ОТАШФИШОН** آتش فشان *ниг.* **оташафшон**.

**ОТАШФИШОНӢ** آتش فشانی он чи мансуб ба оташфишон аст; *ниг.* **оташафшонӣ**.

**ОТАШФУРӮЗ** آتش فروز *ниг.* **оташафрӯз** I, II.

**ОТАШХОМӮШКУН** آتش خاموشکن кушандаи оташ, барҳамдиҳандаи сӯхтор.

**ОТАШХОМӮШКУНАК** آتش خاموشکنک олати сӯхторхомӯшкунӣ, абзори оташнишонӣ.

**ОТАШХОМӮШКУНӢ** آتش خاموشکنی барҳамдиҳии сӯхтор, куштани оташ.

**ОТАШХОНА** آتش خانه 1. ҷои оташгиронӣ (*дар машина, паровоз, танӯр*); оташдон, кӯра, конун, танӯр. 2. *ниг.* **оташгаҳ** ва **оташкада**.

**ОТАШХОР** آتش خوار 1. он чи оташ мехӯрад; **мурғи оташхора** мурғи афсонавиест, ки гӯё оташ мехӯрдааст; самандар, қоқнус. 2. *маҷ.* золим, ситамгор.

**ОТАШХОРА** آتش خواره *ниг.* **оташхор**.

**ОТАШХОРӢ** آتش خواری *мансуб ба* **оташхор** II; золимӣ, ситамгарӣ.

**ОТАШХОРИГӢ** آتش خواریگی *ниг.* **оташхорӣ**.

**ОТАШХӮ(Й)** آتش خو(ی) *ниг.* **оташинхӯ**.

**ОТИБ** *а.* عاتب итобкунанда, сарзанишкунанда, маломаткунанда.

**ОТИЛ** *а.* عاطل 1. бараҳна ва холӣ аз чизе; маҳрум, ҷудо. 2. бекор, беҳуда.

**ОТИР** *а.* عاطر *кит.* муаттар, атромез, хушбӯй; **хотири отир** хотири беғубор, хотири софу бекудурат.

**ОТИФА//ОТИФАТ** عاطفه//عاطفت *кит.* меҳрубонӣ, шафқат, илтифот.

**ОТИЯ** *а.* آتیه *муаннаси* **отӣ**.

**ОТӢ** *а.* آتی оянда; баъдӣ.

**ОТУН** *т.* آتون *кӯҳн.* 1. мактабдори мактаби духтарона дар солҳои пешин, бибихалифа. 2. *хитоби эҳтиромӣ ба занони босаводи куҳансол.*

**ОФАНД** آفند *кит.* ҷанг, ҷидол; хусумат, душманӣ.

**ОФАРАНДА** آفرنده офаринанда, халққунанда, бавуҷудоваранда.

**ОФАРИДА** آفریده халқшуда, махлуқ; мавҷуд.

**ОФАРИДАГОР** آفریده گار *ниг.* **офаридгор**.

**ОФАРИДАН** آفریدن аз нестӣ ба ҳастӣ овардан, ба вуҷуд овардан, халқ кардан, эҷод кардан; **асар офаридан**.

**ОФАРИДГОР** آفریدگار 1. офаринанда, падидоваранда. 2. яке аз номҳои Худо.

**ОФАРИН** I آفرین 1. *асоси замони ҳозира аз* **офаридан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* офаринанда, эҷодкунанда: **суханофарин**, **ҷаҳонофарин**.

**ОФАРИН** II آفرین *калимаи нидо,* ки таҳсинро ифода мекунад: аҳсант, боракаллоҳ, бале; **офарин гуфтан (хондан)** таҳсин кардан; дуо, шукр.

**ОФАРИНАНДА** آفریننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **офаридан**; эҷодкунанда, бавуҷудоваранда.

**ОФАРИНАНДАГӢ** آفرینندگی *тарзи дигари сифати феълии замони ҳозира аз* **офаринанда**; қобилияти ба вуҷуд овардан, тавоноии офаридан.

**ОФАРИНГАР** آفرینگر *ниг.* **офарингӯ(й)**.

**ОФАРИНГӮ(Й)** آفرینگو(ی) таҳсинкунанда, ситоишгар, балегӯй.

**ОФАРИНИШ** آفرینش хилқат; офаридан.

**ОФАРИНСАРОӢ** آفرین سرایی таҳсингӯӣ, мадҳу сано гуфтан, ситоиш кардан, саногӯӣ.

**ОФАРИНХОН** آفرین خوان *ниг.* **офарингӯӣ**.

**ОФАТ** *а.* آفت ҳар чизе, ки харобӣ ва табоҳӣ меоварад, осеб, зиён, бало, озор; ҳалокати ногаҳонӣ; **офати табиӣ** зиён дар натиҷаи ҳодисаҳои табиат (*сел, сармои бемаҳал, заминҷунбӣ ва г.*); **офат расидан** зиёну заҳмат рӯй додан; **офати ҷон** а) он чи боиси озори ҷон аст; б) *кинояаз* маъшуқаи шӯхи ҷафокор.

**ОФАТБОР** آفت بار офатовар, он чи боиси балову зиён аст.

**ОФАТЗАДА** آفت زده 1. зиёнрасида, зарардида. 2. ба офатҳои табиӣ ( *аз қабили* сел, тагарг, малах *ва г.*) дучоршуда (*дар бораи кишт*).

**ОФАТРАСИДА** آفت رسیده *ниг.* **офатзада**.

**ОФИЯТ** *а.* عافیت 1. тандурустӣ, саломатӣ, сиҳатии комил; **офият ёфтан** сиҳат шудан, халос шудан аз беморӣ. 2. оромӣ, амонӣ, осудагӣ.

**ОФИЯТТАЛАБӢ** عافیت طلبی талаби офият кардан, рӯ ба офият овардан.

**ОФОҚ** *а.* آفاق 1. *ҷ.* **уфуқ**. 2. олам, дунё; **машҳури офоқ** машҳур дар тамоми олам.

**ОФОҚГАРД** آفاق گرد ҷаҳонгард.

**ОФОҚГИР** آفاق گیر *кит., маҷ.* забткунандаи сарзаминҳои дигар, ҷаҳонкушо, фарогирандаи тамоми ҷаҳон.

**ОФОҚӢ** آفاقی 1. *мансуб ба* **офоқ**. 2. *фалс.* хориҷӣ, берунӣ, объективӣ; *муқоб.* **анфусӣ**, ки субйективиро ифода мекунад.

**ОФТАЛМОЛОГ** *ю.* آفتل مالاگ *тиб.* духтури чашм, чашмпизишк.

**ОФТАЛМОЛОГИЯ** آفتل مالاگیه *тиб.* илми бемориҳои чашм; чашмпизишкӣ.

**ОФТОБ** آفتاب ситораи нурдиҳанда, маркази низоми шамсӣ, ки равшаниву ҳарорати замин аз он ҷост; Хуршед, меҳр, Шамс; **офтоби озодӣ; офтоби бачакушак** офтоби рӯзҳои зимистонӣ, ки сарди бедавом мешавад; **офтоби лаби бом; офтоби саридеворӣ** чизи бебақо, чизи ба зудӣ аз байнраванда, заволпазир; **пеш аз офтоб** пеш аз тулӯи офтоб, саҳари барвақт; **баланд шудани офтоб** сар задани офтоб, ба қиём омадани офтоб; **баромадани офтоб** тулӯъ; **гирифтани офтоб** *ниг.* **кусуф**; **офтоб додан** ба офтоб баровардан, дар ҷои офтобрӯя паҳн кардани чизе (*мас., кӯрпа ё либосро*) барои хушкондан ё ҳаво хӯрондан; **офтоб задан** аз гармои офтоб осеб дидани бадан (*мас., сар*); **фурӯ рафтани офтоб** ғуруби офтоб, ғуруб; **офтоб хӯрдан** барои гармшавӣ ба офтобрӯя баромадан; **қиёми офтоб** ба самтурраъс омадани офтоб; ◊ **офтоб аз куҷо баромад?** ба маънои чӣ шуд, ки аз мо ёде кардед, шамол шуморо аз куҷо паронда

овард?

**ОФТОБА** آفتابه зарфи филизӣ ё сафолӣ барои дасту рӯ шустан, обдаста.

**ОФТОБАДОР** آفتابه دار 1. доранда ва соҳиби офтоба. 2. он ки барои дастшӯии дигарон офтобадорӣ мекунад.

**ОФТОБАКАШ** آفتابه کش *ниг.* **офтобадор** 2.

**ОФТОББАРО** آفتاب برا сӯи тулӯи офтоб, шарқ, машриқ.

**ОФТОББОЗГАШТ** آفتاب بازگشت *ниг.* **офтобгардиш**.

**ОФТОБГАРД** آفتاب گرد сӯи ғуруби офтоб, мағриб.

**ОФТОБГАРДАК** آفتاب گردک *ниг.* **офтобпараст**.

**ОФТОБГАРДИШ** آفتاب گردش инқилоби тобистонӣ ва зимистонӣ, убури офтоб аз дуртарин ё наздиктарин нуқтаи мадор.

**ОФТОБГИР** آفتاب گیر соябон, чатр, шамсия.

**ОФТОБДӮСТ** آفتاب دوست он ки дӯстдори гармиву офтоб аст.

**ОФТОБЗАДА** آفتاب زده *сифати феълии замони гузашта аз* **офат задан**; осебдида аз гармои сахти офтоб; **рӯи офтобзада** сӯхтагии рӯй аз бисёр будан дар офтоб.

**ОФТОБЗАДАГӢ** آفتاب زدگی *шакли дигари сифати феълии замони ҳозираи* **офтобзада**; нотобӣ бар асари гармои офтоб.

**ОФТОБЗОР** آفتابزار ҷои пур аз нури офтоб; пурофтоб.

**ОФТОБӢ** آفتابی 1. *мансуб ба* **офтоб**; офтобнок: **рӯзи офтобӣ**. 2. дар офтоб хушкида, дар офтоб хушкондашуда: **мавизи офтобӣ**.

**ОФТОБНАДИДА** آفتاب ندیده ҷое, ки нур ва тобиши офтоб ба он намерасад: **хонаи офтобнадида**.

**ОФТОБНИШИН** آفتاب نشین вақт ё ҷои ғуруби офтоб; самти офтобнишин, ғарб, мағриб.

**ОФТОБНОК** آفتابناک офтобӣ; **рӯзи офтобнок** рӯзи беабру бебориш, ки офтоб медурахшад.

**ОФТОБНОРАС** آفتاب نارس ҷое, ки партави офтоб ба он нуфуз намекунад, ҷои сояӯ.

**ОФТОБПАРАСТ** آفتاب پرست 1. *кҳн.* он ки офтобро парастиш мекунад, зардуштӣ. 2. *бот.* гиёҳи соқабаланди калонбарге, ки сараш ҳамеша ба тарафи офтоб моил аст, донаҳои онро таф дода мехӯранд ё аз онҳо равған мекашанд.

**ОФТОБПАРАСТӢ** آفتاب پرستی 1. оташпараст; ишорат бар оини зардуштӣ.

**ОФТОБПӮШ** آفتاب پوش он чи, ки ба он рӯшноиро мепӯшанд, то соя пайдо шавад: **айнаки офтобпӯш, чатри офтобпӯш**.

**ОФТОБРАС** آفتاب رس ҷое, ки партави офтоб ба он нуфуз дорад, ҷое, ки рӯ ба офтоб воқеъ шудааст; офтобрӯя: **хонаи офтобрас**.

**ОФТОБРУХ** آفتاب رخ *маҷ.* хушлиқо, хушсимо, зебо, ҷамил.

**ОФТОБРӮ(Й)** آفتاب رو (ی) *маҷ.* 1. ҷое, ки офтоб метобад ва гарм мекунад, офтобрӯя. 2. *маҷ., ниг.* **офтобрух**.

**ОФТОБРӮЯ** آفتاب درویه *ниг.* **офтобрас**.

**ОФТОБРӮЯНИШИН** آفتاب رویه نشین он ки дар офтобрӯя нишастааст.

**ОФТОБСАНҶ** آفتاب سنج *нуҷ.* олат ва дастгоҳи санҷиши нерӯи гармии хуршед.

**ОФТОБСИМО** آفتاب سیما *ниг.* **офтобрух**.

**ОФТОБСӮХТА** آفتاب سوخته сӯхта аз тафси офтоб, офтобсӯзонда; он ки ва он чи дар офтоб аз таъсири гармии он сӯхтааст.

**ОФТОБСӮХТАГӢ** آفتاب سوختگی *ниг.* **офтобсӯхта**.

**ОФТОБТЕҒА** آفتاب تیغه теғаи кӯҳ ё баландие, ки партави офтоб пеш аз ҳама ба он ҷо метобад.

**ОФТОБФАРО** آفتاب فرا *ниг.* **офтобнишин**.

**ОФТОБХӮРДА** آفتاب خورده *ниг.* **офтобзада ва офтобсӯхта**.

**ОФТОБШИНАМ** آفتاب شنم тарафи офтобнишин.

**ОХИЗ** *а.* آخذ *кит.* дастгир, ёридеҳ, гиранда.

**ОХИР** *а.* آخر 1. интиҳо, поён. 2. вопасин, охирин, 3. ниҳоят, оқибат; *муқоб.* **аввал**, **ибтидо**. 4. *ҳиссача* дар мавриди савол, тасдиқ, таъкид ва пурқувват кардани сухан ба ҷумла илова мешавад; **охири кор** поёни кор, оқибати кор,

охируламр; **дар охири кор** дар анҷоми кор, баъди тамом шудани кор; **ба охир расидан** тамом шудан, анҷом ёфтан, поён ёфтан; **ба охир расонидан** ба анҷом расонидан, то интиҳо бурдан; **охир шудан** ба поён расидан, сар омадан; **охири охирон** ниҳоят, дар ниҳояти кор.

**ОХИРАН** *а.* آخراً дар охир, пас аз ҳама.

**ОХИРАНДЕШ** آخراندیش он ки охиру анҷоми кореро доимо андеша мекунад, оқибатбин.

**ОХИРАНДЕШӢ** آخراندیشی оқибатандешӣ, оқибатбинӣ.

**ОХИРАТ** *а.* آخرت *д.* он дунё, ҷаҳони дигар, сарои дигар, уқбо, олами уқбо, дорулбақо.

**ОХИРАТГАРО** آخرتگرا он ки ба охират ва парҳезгорӣ дода шудааст, парҳезгор.

**ОХИРАТГАРОӢ** آخرتگرایی охиратгаро будан, парҳезгорӣ, амали охиратгаро.

**ОХИРАТШИНОСӢ** آخرت شناسی *д.* ҷараёни фалсафии диние, ки дар бораи поёни ҷаҳон сарнавишти башар дар охират баҳс мекунад, меодшиносӣ.

**ОХИРБИН** آخر بین *маҷ.* оқибатандеш, дурандеш, дурбин.

**ОХИРБИНӢ** آخر بینی *маҷ.* оқибатандешӣ.

**ОХИРЗАМОН** آخر زمان *д.* давраи охир, давраи вопасини дунё, наздик ба рӯзи қиёмат; **пайғамбари охирзамон** Муҳаммади Мустафо(с); **Маҳдии охирзамон** Маҳдии Мавъуд (а) охирин имом аз имомони дувоздаҳгонаи шиаи имомия, ки ба эътимоди аҳли ташаййуъ пас аз ғайбати кубро дар давраи охири дунё зуҳур мекунад.

**ОХИРИН** آخرین 1. пасин, вопасин, баъд аз дигарон, баъд аз ҳама, баъдина. 2. ниҳоӣ, интиҳоӣ; **сухани охирин** сухани охир, сухани вопасин; **қарори охирин** қарори вопасин, қарори қатъӣ.

**ОХИРИУМРӢ** آخرعمری воқеъгашта дар айёми охирини умр.

**ОХИРӢ** آخری охирин, вопасин, аз ҳама баъдина, мансуб ба давраи охири чизе; **амирони охирии Бухоро**.

**ОХИРСУХАН** آخرسخن сухани вопасин, каломи мунтаҳо.

**ОХИРУЗЗАМОН** *а.* آخرالزمان *ниг.* **охирзамон**.

**ОХИРУЛАМР** آخرالامر саранҷом, дар поёни кор, ниҳоят.

**ОХОЛ** آخال *кит.* ҳар чизи афкандаӣ ва нодаркор ба мисли пӯстлох, хасу хошок, хокрӯба; ахлот.

**ОХТА** آخته 1. *сифати феълии замони гузаштаи* **охтан**. 2. овезон.

**ОХТАН** آختن 1. *кҳн.* кашидан, баровардан (*мас.*, *тегро аз гилоф*). 2. овехтан.

**ОХУНД** آخوند *таър.* 1. мулло, муаллим, пешвои динӣ. 2. дар Бухорои замони амир яке аз мансабҳои олии динӣ.

**ОХУНДНАМО** آخوندنما он ки ба зоҳир охунд аст, вале шариатро риоя намекунад, мулло-намо, он ки зоҳиран ба мулло монанд аст.

**ОХУР** آخر//آخور 1. ҷои махсуси хӯрокхӯрии чорпоён; **аз охури баланд (боло) ем хӯрдан**; *маҷ.* ашрофона рӯз гузаронидан, назарбаланд будан.

**ОХУРА//ОХУРАК** آخره//آخرک *тиб.* устухони зери гардану гулӯ.

**ОХУРӢ** آخری 1. чорвое, ки аз охур ем мехӯрад. 2. чорвои парвоӣ.

**ОХУРСОЛОР** آخرسالار *кит.* мирохур, сардори саисхона.

**ОХУРЧА** آخرچه 1. охури хурд. 2. *маҷ.* жарфнои хурд; **дари (остонаи)** *ҷоеро*, *касеро* **охурча кардан** ба ҷое бисёр рафту омад кардан, ба ҷое барои коре бисёр рафтуой кардан, хирагии зиёд кардан. 2. *ниг.* **охурак**.

**ОХУРЧӢ** آخرچی ходими саисхона, саис, он ки ба охури чорпоён алаф мерезад.

**ОХУРЧӮБ** آخرچوب чӯби охур, чӯби саис.

**ОХШИГ** آخشیگ *ниг.* **охшиҷ**.

**ОХШИҶ** آخشیج 1. зид, мухолиф. 2. *маҷ.* унсур, ҳар як аз унсурҳои чоргона, ки иборат аз ходу обу боду оташ аст.

**ОҲ** آه 1. калимае, ки дар пайомади дарду ғам ва пушаймонӣ аз сина мебарояд. 2. *нидо*; вой, воҳ; **оҳ, вой, оҳи оташбор, оҳи сӯзон; оҳи сард** оҳи ҳасратомез; **оҳу воҳ кардан** зорӣ кардан, изҳори дарду ҳасрат кардан; **оҳ кашидан** аз шиддати дарду ҳасрат нафаси чуқур баро-

вардан.

**ОҲАК** آهک *хим.* моддае, ки аз пухтани санги махсусе ҳосил мешавад ва дар сохтмон ба кор меравад; **оҳаки кушта** *ё* **шукуфта** оҳаки обрасида.

**ОҲАКЗАНӢ** آهکزنی оҳак задан, оҳак кардан, сафед кардан (-и девор, дарахт *ва ғ.*).

**ОҲАКЗАРНИХ** آهک زرنیخ оҳаки бо хокаи зарних омехта барои тоза кардани мӯи бадан.

**ОҲАКӢ** آهکی оҳакдор; **намади оҳакӣ** намаде, ки пашми он аз пӯсти ҳайвонот ба воситаи оҳакоб ҷудо карда шудааст.

**ОҲАКНОК** آهکناک он чи бо оҳак омехта аст: **оби оҳакӣ**.

**ОҲАКОБ** آهک آب обе, ки бо оҳак омехта шудааст.

**ОҲАКПАЗ** آهک پز он ки сангро сӯзонда оҳак ҳосил мекунад.

**ОҲАКПАЗӢ** آهک پزی оҳак пухтан; кӯраи махсус барои тайёр кардани оҳак.

**ОҲАКСАНГ** آهک سنگ *маъд.* санге, ки аз он оҳак мепазанд.

**ОҲАН** آهن филизи сахти маъруф; **роҳи оҳан** роҳи релс гузошташуда барои ҳаракати қатораҳо; ◊ **оҳани сард кӯфтан** кори бенатиҷа ва беҳуда кардан.

**ОҲАНБАДАН** آهن بدن *маҷ.* одами қавӣ, пуртоқат.

**ОҲАНБУР** آهن بر 1. арраи оҳанбурӣ.

**ОҲАНБОЛ** آهن بال он чи боли оҳанӣ дорад; **мурғи оҳанбол** *киноя аз* ҳавопаймо.

**ОҲАНГ I** آهنگ *мус.* 1. мавзунии садо. 2. нағма, наво; **оҳанги тор** овози тор: **ба оҳанг андохтан** оҳанг бастан ба шеъре. 3. тарз, равиш, тарзи гуфтор: **бо оҳанги маъюсона, бо оҳанги узрхоҳона, бо оҳанги шодӣ, бо оҳанги шӯхӣ**.

**ОҲАНГ II** آهنگ қасд, азм, ирода, ният.

**ОҲАНГАР** آهنگر он ки аз оҳан асбобу анҷоми гуногун месозад: **устои оҳангар**.

**ОҲАНГАРӢ** آهنگری 1. касбу кори оҳангар, сохтани олату анҷоми гуногун аз оҳан. 2. *мансуб ба* **оҳангар: кӯраи оҳангарӣ, устохонаи оҳангарӣ**.

**ОҲАНГАРХОНА** آهنگر خانه коргоҳи оҳангар, устохонаи оҳангар.

**ОҲАНГДОР** آهنگ دار 1. он чи овозу садо дорад. 2. хушовоз, мавзуновоз.

**ОҲАНГСОЗ** آهنگ ساز он ки оҳанги мусиқӣ эҷод мекунад.

**ОҲАНГСОЗӢ** آهنگ سازی кору амали оҳангсоз.

**ОҲАНГУДОЗ** آهن گداز 1. коргари оҳангудозӣ. 2. *маҷ.* сахт гарм, тафсон: **офтоби оҳангудози тобистон.**

**ОҲАНГУДОЗӢ** آهن گدازی касб ва амали оҳангудоз, гудозиш ё об кардани оҳан.

**ОҲАНДИЛ** آهن دل 1. *маҷ.* сахтдил, сангдил, бераҳм. 2. *маҷ.* қавиирода; шердил, нотарс.

**ОҲАНДОР** آهن دار он чи ки оҳан дорад: **чархи оҳандори ароба**.

**ОҲАНИН** آهنین 1. *мансуб ба* **оҳан**; чизи аз оҳан сохташуда: **белчаи оҳанин, сандуқи оҳанин, қафаси оҳанин**. 2. *маҷ.* сахт, қавӣ, маҳкам, нерӯманд: **азми оҳанин, бозуи оҳанин, дили оҳанин, иродаи оҳанин**.

**ОҲАНИНБОЗУ** آهنین بازو *маҷ.* қавӣ, зӯр.

**ОҲАНИНДИЛ** آهنین دل *ниг.* **оҳандил**.

**ОҲАНИНИРОДА** آهنین اراده *маҷ.* он, ки иродаи қавӣ дорад, матин.

**ОҲАНИНПАЙКАР** آهنین پیکر 1. он чи аз оҳан сохта шудааст. 2. *маҷ.* қавӣ, мусстаҳкам.

**ОҲАНИНПАНҶА** آهنین پنجه *маҷ.* боқувват, зӯрманд.

**ОҲАНИНРОЙ** آهنین رای *маҷ.* сахтирода, қавиирода.

**ОҲАНИНТАН** آهنین تن *маҷ., ниг.* **оҳанинпайкар**.

**ОҲАНӢ** آهنی *ниг.* **оҳанин**.

**ОҲАНКӮБ** آهن کوب бо оҳан пӯшондашуда.

**ОҲАНМАЙДА** آهن میده резаҳои оҳан, резаҳои сӯҳонхӯрдаи оҳан.

**ОҲАНПОРА** آهن پاره пораҳои филизи партовшуда.

**ОҲАНПОЯ** آهن پایه пояи ҳар чиз, ки оҳанин аст.

**ОҲАНПӮШ** آهن پوش он чи рӯяш ва ё ҳама тарафаш бо қабати оҳан пӯшонда шудааст; он чи зиреҳи оҳанӣ дорад; зиреҳпӯш.

**ОҲАНРАБО** آهن ربا *тех.* филизе, ки оҳанро ба худ мекашад; миқнотис, магнит.

**ОҲАНРЕЗА** آهن ریزه *ниг.* **оҳанмайда**.

**ОҲАНСОВ** آهن ساو 1. сӯҳон. 2. резаҳои оҳан, ки вақти сӯҳон кардани он мерезад.

**ОҲАНСОЗ** آهن ساز устои оҳансоз, оҳангар.

**ОҲАНСОЗӢ** آهن سازی амали оҳансоз.

**ОҲАНТАН** آهن تن *мач., ниг.* **оҳанинпайкар**.

**ОҲАНТАРОШ** آهن تراش он ки бо оҳан чизе метарошад.

**ОҲАНТАРОШӢ** آهن تراشی амали оҳантарош.

**ОҲАНТАСМА** آهن تسمه тасмаи оҳанин; **оҳантасмаи танк**.

**ОҲАНТАХТА** آهن تخته варақҳои оҳан.

**ОҲАНФУРӮШ** آهن فروش фурӯшандаи оҳан.

**ОҲАНЧИДАН** آهنجیدن *кит.* кашидан; берун кардан.

**ОҲАНҶОМА** آهن جامه тунукае, ки барои маҳфуз нигоҳ доштани сандуқ *ва г.* аз рӯй зада мешавад.

**ОҲАР** آهر моее, ки аз гарди орди гандум ё картошка тайёр мекунанд ва барои шах ва ҷилодор шудан матоъро ба он тар карда мехушконанд.

**ОҲАРДОР** آهردار дорои оҳар, он чи дар таркибаш оҳар дорад.

**ОҲАРЗАДА** آهرزده *ниг.* **оҳардор**.

**ОҲАРЗАНӢ** آهرزنی бо оҳар чизеро (матоеро) шах ва муҷаллал кардан.

**ОҲАРӢ** آهری *мансуб ба* **оҳар**. 1. оҳардор, оҳар задашуда. 2. тоза, обнарасида (*мас., матоъ, либос*).

**ОҲАРМАН** آهرمن *ниг.* **аҳриман**.

**ОҲГӮЙ** آه گوی он ки оҳ мегӯяд; дардманд ва ранҷманд.

**ОҲЕХТАН//ОҲИХТАН** آهیختن//آهختن *ниг.* **охтан**.

**ОҲИДАН** آهیدن оҳ кашидан.

**ОҲИСТА** آهسته 1. ором, сокитона, бесадо, бо овози паст; *муқоб.* **баланд**. 2. бешитоб, тадриҷан; *муқоб.* тез ва босуръат. 3. номаълум, беғалоғула, ба касе нафаҳмонда. 4. суст, аз рӯи мадоро; *муқоб.* **сахт**; **оҳиста-оҳиста** бешитоб; б) кам-кам, андак-андак, тадриҷан, рафта-рафта.

**ОҲИСТАГӢ** آهستگی 1. оромӣ; сустӣ, бешитобӣ; мулоимат. 2. *мач.* ҳилм; бурдборӣ.

**ОҲИСТАКАК** آهستکک оҳиста, бешитоб, боэҳтиёт, номаълум.

**ОҲИСТАКОР** آهسته کار 1. он ки корро ба оҳистагӣ ва бешитобзадагӣ ба ҷо меорад; *муқоб.* **тезкор.** 2. *мач.* эҳтиёткор, андешакор.

**ОҲИСТАКОРӢ** آهسته کاری 1. кори бештоб. 2. *мач.* эҳтиёткорӣ.

**ОҲИСТАРАВ** آهسته رو 1. он ки ба оромӣ ва бешитоб роҳ меравад. 2. танбал, коҳил.

**ОҲИСТАРОЙ** آهسته رای доно, донишманд, пурдон.

**ОҲИСТАСУХАН** آهسته سخن он ки бо овози паст ва ором сухан мегӯяд.

**ОҲИСТАЯК** آهسته یک *гуфт., ниг.* **оҳистакак**.

**ОҲКАШӢ** آه کشی оҳ кашидан.

**ОҲМАНД** آهمند дурӯғгӯй.

**ОҲО** آها *калимаи таҳсин* ва *тааҷҷуб.*

**ОҲОР** آهار *ниг.* **оҳар**.

**ОҲОРДОР** آهاردار *ниг.* **оҳардор.**

**ОҲОРӢ** آهاری *ниг.* **оҳарӣ**.

**ОҲУ** I آهو 1. ҷонвари дасту по дарози тездав, ки чашмони зебо дорад, ғизол; **оҳуи чашм**.

**ОҲУ** II آهو *кит.* айб, нуқсон, хато.

**ОҲУ** III آهو гуноҳ.

**ОҲУБАР(Р)А** آهوبره 1. бачаи оҳу. 2. *мач.* духтари зебо.

**ОҲУБАЧА** آهوچه *ниг.* **оҳубара**.

**ОҲУВОР** آهووار чун оҳу, ба монанди оҳу.

**ОҲУДАВ** آهودو дар даву тоз чун оҳу; **аспи оҳудав** аспи тезрафтор.

**ОҲУДИЛ** آهودل *мач.* тарсу, буздил, тарсончак.

**ОҲУДИЛӢ** آهودلی *мач.* тарсончакӣ, буздилӣ.

**ОҲУМАНД** آهومند айбдор, нуқсондор; гунаҳкор.

**ОҲУН** آهون *кит.* 1. ғор. 2. роҳи зеризаминӣ, нақб; **оҳун задан** нақб кандан; сӯрох кардан.

**ОҲУТАК** آهوتک *киноя аз* аспи даванд.

**ОҲУЧАШМ** آهوچشم *киноя аз* чашмони зебо, сиёҳчашм.

**ОЧА** آچه 1. *мач.* модар. 2. модаркалон.

**ОЧАКАЛОН** آچه کلان *мач.* модаркалон, бибӣ.

**ОЧАР** *т.* آچر калид, афзор барои мурувват тофтан ва кушодан.

**ОЧЕРК** *р.* آچیرک *адш.* асари хурди адабӣ, ки дар он воқеаҳои ҳаётӣ баён ва тасвир мешаванд.

**ОЧЕРКНАВИС** آچیرک نویس нависандаи очерк.

**ОЧОР** I آچار сабзавоте, ки онро дар сирко хобонда бошанд.

**ОЧОР** II آچار замини пасту баланд, замини ноҳамвор.

**ОЧОРДАН//ОЧОРИДАН** آچاردن//آچاریدن 1. очор ба хӯрок задан. 2. дар ҳам омехтани хӯроку очор.

**ОЧОРӢ** آچاری *мансуб ба* **очор**.

**ОҶ** *а.* آج 1. устухони фил. 2. дандони фил. 3. *мач.* сафед.

**ОҶИЗ** I *а.* عاجز нотавон, бекувват; дармонда, бечора; **оҷиз будан** ба иҷрои коре қувват ва тавоноӣ надоштан, қодир набудан ба коре; **оҷиз мондан //оҷиз омадан аз** *чизе* ба иҷрои коре қодир набудан, аз ӯҳдаи коре набаромадан; оҷиз шудан.

**ОҶИЗ** II عاجز *гуфт.* нобино, кӯр.

**ОҶИЗА** *а.* عاجزه 1. зани фақир, нотавон. 2. духтар *(падар аз рӯи хоксорӣ ба духтари худ мегӯяд).*

**ОҶИЗӢ** عاجزی 1. аҷз, нотавонӣ, камзӯрӣ, заъф. 2. нобиноӣ, кӯрӣ.

**ОҶИЗКУШ** عاجزکش он ки қасди одамони нотавону заифро мекунад.

**ОҶИЗНАВОЗӢ** عاجزنوازی меҳрубонӣ кардан ба нотавонон, дастгириии бечорагон.

**ОҶИЗОНА** عاجزانه аз рӯи аҷз, аз рӯи нотавонӣ; **оҷизона хоҳиш кардан** *чизеро* дар ҳолати аҷз ва нотавонӣ пурсидан чизеро.

**ОҶИЛ** I *а.* عاجل аҷалакунанда, шитобкор.

**ОҶИЛ** II عاجل 1. донаҳои хӯрданӣ аз қабили писта, бодом *ва г.*

**ОҶИЛ** III *а.* آجل 1. таъхиркунанда, бомӯҳлат, дероянда; *муқ.* **оҷил** I. 2. охират; *муқ.* **дунё** I.

**ОҶИЛ** IV *а.* آجل 1. боде, ки бо овоз аз гулӯ бароянд, оруғ.

**ОҶИЛАН** *а.* عاجلاً ба таври таъҷилӣ, фавран, ба зудӣ, ба тезӣ, бе даранг.

**ОҶИНГ** آجنگ *ниг.* **оҷанг: оҷинги пешонӣ, оҷинги рӯй**.

**ОҶИНГДОР** آجنگ دار чиндор, чингирифта.

**ОҶУР** *а.* آجور [*муарраби* **огур**], хишти пухта.

**ОШ** I آش 1. хӯроки пухта, таом, хӯроки гарм. 2. палав; **оши дампухт** оши палаве, ки бо алави паст пухта шудааст; **оши кавар** *мач.* оши мурда; **оши кашк** оши суюқе, ки бо ярма, ҷав ё ҷуворӣ пухта ҷурғот ё қурут (кашк) ҳамроҳ мекунанд; **оши кӯҳнадам** палаве, ки аз зарурияш бисёр дам хӯрдааст; **оши ланҷ** палаве, ки бисёр дам хӯрда, биринҷаш аз меъёр мулоимтар шудааст; **оши маслиҳат** зиёфате, ки барои маслиҳатгирӣ аз наздикони худ ороста мешавад (*пеш аз тӯй ё маъракаи дигар*); **оши палав** палав; **оши сол** оши хайроте, ки сари соли вафоти касе дода мешавад; **оши софӣ** палавест, ки биринҷи он алоҳида дар об ҷӯшонида соф карда гирифта мешавад ва пас ба болои он равғани зард рехта дам мекунанд ва гӯшти он низ алоҳида пухта мешавад; **оши явғон** хӯроки бегушт; **оши ҳалолхӯр** *киноя аз* ҷӯпон; **оши ҳарифона** оше, ки бо навбат бо харҷи яке аз иштирокдорони нишасти ҳарифона пухта мешавад, оши бо харҷи шарикона пухташуда; **оши ҷуворӣ** *ниг.* **оши кашк; ош додан** хайрот кардан; **оши** *касеро* **додан** оши соли касеро додан, ба муносибати сари соли касе хайрот

додан; **ош(ро) дам кардан** ошро буғ додан; **ош кардан** а) ош пухтан, палав пухтан; б) *киноя аз* ҳазм кардан, аз худ кардан; **ош кашидан** оши пухташударо аз дег ба табақ гирифтан; **ошу нон додан ба** *касе* хӯрондан, ғизо додан, сер кардан, касеро бо хӯроки рӯзмарра таъмин кардан; **ошу об кардан** меҳмондорӣ кардан, зиёфат додан; **ош пухтан** палав пухтан; **ошро обу равған кардан** зирбаки оши палавро тайёр кардан; **ош шавад**! нӯши ҷон бод!, ҳазм шавад!, **ба оши** *касе* **магас афтидан** ба кори касе халал расидан; **оши** *касе ба касе* **напухтан** бо ҳам созгор набудан, муросо ва тавофуқ карда натавонистан ба ҳамдигар; ◊ **ба ҳар ош қайла, ба ҳар коса чазза шудан** *ниг.* **ба ҳар ош қошуқ шудан; ба ҳар ош қошуқ (қатиқ) шудан** ба ҳар кори ба худ дахлдор ё бедахл ҳамроҳ шудан; **ҳамон ош, ҳамон коса** ҳама чиз мисли пештара, бе тағйир; **ба оши тайёр бакавул** толиби чизи муфт, чизи бе дарди миён ба даст омадаро аз худ кардан, тайёрхӯр; **айб дар ош ё дар мош?** кӣ айбдор? (*вақти номаълум будани айбдори коре мегӯянд*); **оши бибихон** яке аз маросимҳои динӣ, ки занон барпо мекунанд, монанди бибисешанбе. 3. даббоғӣ; **ош додани пӯст** бо усули махсусе даббоғӣ кардани пӯсти хом. 4. *нидои ом(м)*, ки ҳангоми сурфа кардани касе бар пушти ӯ меҳрубонона зада, ин калимаро баён мекунанд; зоҳиран маънои «**ҳалолат бод**», «**гулӯятро нагирад**»-ро дорад.

**ОШДОН** آشدان 1. ҷое, ки деги ошпазӣ шинонда шудааст. 2 ошхона.

**ОШЁН//ОШЁНА** آشیان//آشیانه 1. лона, хонаи парандагон. 2. *маҷ.* хона, маскан, ватан; **ошён доштан** ҷой доштан, ҷойгузин будан; **ошён мондан** лона сохтан, хона кардан. 3. ҳар қабати хона дар хонаҳои чандинқабата.

**ОШИҚ** *а.* عاشق он ки касе ё чизеро аз ҳад зиёд дӯст медорад; дӯстдоранда, дилдода, дилбохта; **ошиқи чароғ** парвона**; ошиқи шайдо** ошиқи сахт дилбохта, ошиқи ошуфтаҳол; **ошиқу маъшуқ** а) дӯстдоранда ва дӯстдошташуда; б) *гуфт.* часпаки дару тиреза **ошиқ шудан**.касеро нағз дидан, ба касе дил бохтан; **ошиқи печон** гули нилуфар.

**ОШИҚӢ** عاشقی ошиқ шудан, ошиқ будан; он чӣ мансуб ба ошиқ аст.

**ОШИҚМИЗОҶ** عاشق مزاج ишқварз, ошиқпеша, ошиқ.

**ОШИҚНАВОЗ** عاشق نواز маъшуқ, он ки ба ошиқи худ навозишу илтифот дорад.

**ОШИҚОНА** عاشقانه *мансуб ба* **ошиқ;** ошиқвор; **шеъри ошиқона** шеър дар баёни ишқ, шеъри ғиноӣ.

**ОШИҚПЕЧОН** عاشق پیچان *бот., маҷ.* гули нилуфар.

**ОШИҚПЕША** عاشق پیشه *ниг.* **ошиқмизоҷ**.

**ОШӢ** آشی *мансуб ба* **ош: намаки ошӣ**.

**ОШКАДУ** آش کدو кадуи хӯрокӣ.

**ОШКОР** آشکار ба ҳама маълум, намоён, аён, падидор; *муқоб.* **пинҳон**; **ошкору ниҳон** аёну пӯшида, намоёну махфӣ; **ошкор кардан** аён кардан, маълум кардан, ба рӯи об баровардан; **ошкор шудан(гардидан**) маълум гардидан.

**ОШКОРБАЁНӢ** آشکاربیانی ошкоро баён кардни андешаву афкори худ.

**ОШКОРКУНАНДА** آشکارکننده он ки чизеро парда аз рух мебардорад ва ошкор мекунад.

**ОШКОРО** آشکارا ба таври намоён, ба тарзи аён, аёнан; рӯирост; *муқоб.* **пинҳонӣ**; **ба ошкоро** пинҳон накарда, ба тарзи ба ҳама маълум; **ошкоро гуфтан** баръало гуфтан, рӯирост гуфтан.

**ОШКӮБА** آشکوبه 1. сақфи хона; бом. 2. ҳар чинаи девор; похса. 3. ҳар табақаи иморат, ошёна. 4. ҳар табақаи осмон.

**ОШКӮХИДАН//АШКӮХИДАН** آشکوخیدن//اشکوخیدنлағжидан, лағжида афтодан.

**ОШМОЛ** آشمال хушомадгӯ, мутамаллиқ.

**ОШМОЛӢ** آشمالی он чи мансуб ба хушомадгӯ аст, чоплусӣ, хушомадгӯӣ, тамаллуқ.

**ОШНО** I آشنا 1. шинос, балад, огоҳ, бохабар. 2. ёр, дӯст, улфат; *муқоб.* **бегона: ошнои дерин**. 3. шиносо, маълум; **овози ошно** овози шиносо; **ошно будан** а) шинос будан (бо касе); б) воқиф будан (аз коре); **ошно гирифтан** *касеро* ошноӣ пайдо кардан, дӯст шудан бо касе; **ошно кардан** *касеро бо касе ё бо чизе* шиносондан, шинос кардан; **ошно шудан** шинос шудан, шиносоӣ пайдо кардан, воқиф гардидан.

**ОШНО** II آشنا *кит.* шино, шиноварӣ, оббозӣ, оббурӣ.

**ОШНОБЕЗОР** آشنابیزار он ки аз ёру дӯсти худ

мегурезад.

**ОШНОБОЗ** آشناباز чӯрабоз, ошнопарвар.

**ОШНОБОЗӢ** I آشنابازی чӯрабозӣ, ошнопарварӣ, риояткорӣ нисбат ба ёру шиноси худ.

**ОШНОБОЗӢ** II آشنازی *кит.* шиноварӣ, оббозӣ. 2. шиноварӣ, оббозӣ.

**ОШНОВАР** آشناور шиновар, оббоз, оббур.

**ОШНОЁНА** آشنایانه ба чашми ошноӣ, ҳамчун ошно ва шинос.

**ОШНОӢ** آشنائی 1. ошно будан, шиносоӣ, ошно шудан. 2. илтифоту изҳори шиносоӣ тавассути оғӯш гирифтану бӯсидан; **ба тарзи ошноӣ** дӯстона; **ошноӣ доштан** шинос будан (*бо касе*), воқиф будан, огоҳ будан (*аз коре*); **ошноӣ пайдо кардан** шинос шудан.

**ОШНОНАМО** آشنانما мисли ошно, монанд ба ошно.

**ОШНОРӮ(Й)** آشنارو(ی) 1. шинос, ошно, дӯст. 2. *маҷ.* дилнишин, дилпазир (*мас.*, *одам*).

**ОШНОХОНА** آشناخانه хонаи каси ошно ва шинос.

**ОШОЛУД** آشآلود *гуфт.* ношуд, миҷморуқ.

**ошом** آشام 1. *асоси замони ҳозира аз феъли* **ошомидан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* ошоманда: **хуношом, майошом, дудошом**...

**ОШОМИДАН** آشامیدن нӯшидан, хӯрдан *(бештар нисбат ба хӯрокҳои обакӣ)*.

**ОШОМИДАНӢ** آشامیدنی он чи мансуб ба ошомидан аст; **оби ошомиданӣ**.

**ОШПАЗ** آشپز он ки кораш хӯрок пухтан аст, касе, ки хӯрок мепазад, хӯрокпаз, таббох.

**ОШПАЗӢ** آشپزی хӯрокпазӣ, касби ошпаз, таббохӣ.

**ОШПАЗХОНА** آشپز خانه ҷое, ки дар он хӯрок мепазанд, матбах.

**ОШТАХТА** آش تحته тахтаи махсус, ки ба рӯи вай хамири оширо паҳн карда мебуранд.

**ОШТИГӢ** آشتیگی 1. оштӣ, мусолиҳа. 2. *маҷ.* дӯстӣ, рафоқат.

**ОШТИДИҲАНДА** آشتی دهنده он ки мухолифатдоштаро оштӣ медиҳад..

**ОШТИДИҲӢ** آشتی دهی ду нафари бо ҳам ҷангиро оштӣ додан.

**ОШТИНАШАВАНДА** آشتی نشونده сулҳнопазир, он чи ки қобили сулҳу оштӣ нест.

**ОШТИНОПАЗИР** آشتی ناپذیر роҳнадиҳанда ба ҳеҷ гуна созишу сулҳ.

**ОШТИНОПАЗИРӢ** آشتی ناپذیری мухосимат, душманӣ, адоват.

**ОШТИХОҲӢ** آشتی خواهی сулҳҷӯӣ, муросо.

**ОШТИХӮРА(К)** آشتی خوره(ک) зиёфате, ки ба муносибати оштӣ шудани ду кас ё ду тарафи ба ҳам ҷангӣ барпо кунанд.

**ОШТИҶӮЁНА** آشتی جویانه сулҳҷӯёна.

**ОШТӢ** آشتی созиш ва оштӣ баъд аз ҷангу низоъ; **оштӣ додан** *касеро бо касе* сулҳ кунонидан; **оштӣ кардан** сулҳ кардан, бас кардани ҷангу низоъ; **ошно шудан** сулҳ кардан, **ошно кунонидан** *ниг.* **оштӣ додан**.

**ОШУФТА** آشفته 1. парешон, мушавваш, ба ҳам омехта: **зулфи ошуфта, хотири ошуфта**. 2. *маҷ.* парешонҳол, мушаввашхотир. 3. *маҷ.* хашмгин. 4. *маҷ.* дилдода, ошиқ.

**ОШУФТАБАХТ** آشفته بخت *маҷ.* бадбахт, бетолеъ.

**ОШУФТАГӢ** آشفتگی 1. парешонӣ, мушаввашӣ, парешонҳолӣ. 2. *маҷ.* шӯридагӣ, ҷунун.

**ОШУФТАДИЛ** آشفته دل 1. *маҷ.* парешонҳол, парешонхотир; шӯрида, музтариб. 2. ошиқ.

**ОШУФТАКОКУЛ** آشفته کاکل он ки кокулаш парешон аст.

**ОШУФТАМАҒЗ** آشفته مغز *кит.* шефта, девона, девонаавзоъ.

**ОШУФТАМӮЙ** آشفته موی он ки мӯяш дарҳаму барҳам ва шона нокарда аст, парешонмӯй.

**ОШУФТАН** آشفتن 1. *маҷ.* ба ҳаяҷон омадан, музтариб шудан. 2. *маҷ.* оташин шудан, ба хашм омадан, тезу тунд шудан.

**ОШУФТАРӮЗ** آشفته روز *кит.* бадбахт, бетолеъ, ошуфтарӯзгор.

**ОШУФТАРӮЗГОР** آشفته روزگار *кит.* ошуфта-

ҳол, бадбахт, бетолеъ.

**ОШУФТАСОМОН** آشفته سامان *ниг.* **ошуфтадил**.

**ОШУФТАХОТИР** آشفته خاطر *маҷ.* парешонхотир, ба ҳаяҷон омада, хашмгин, музтарибҳол.

**ОШУФТАҲОЛ** آشفته حال *ниг.* **ошуфтадил ва ошуфтахотир.**

**ОШУФТАҲОЛӢ** آشفته حالی *мансуб ба* **ошуфтаҳол**; парешонҳолӣ, изтироб, шефтагӣ.

**ошӯб** آشوب 1. *асоси замони ҳозира аз* **ошуфтан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* шӯрангез: **дилошӯб, шаҳрошӯб**...

**ОШӮБ** آشوب ғавғо, шӯр, фитна, шӯриш; **ошӯб барпо кардан** шӯридан, ба шӯриш бархостан; **ошӯб бархостан** сар шудани шӯриш.

**ОШӮБГАР** آشوبگر шӯришкунанда, фитнаангез.

**ОШӮБГАРӢ** آشوبگری исёнкорӣ, фитнаангезӣ.

**ОШӮБГАРОНА** آشوبگرانه исёнкорона, фитнагарона.

**ОШӮБИДАН** آشوبیدنшӯридан, фитна кардан.

**ОШӮБКОР** آشوب کار *ниг.* **ошӯбгар**.

**ОШӮҒ** آشوغ шахси номаълум, ғайри шинос, ноошно.

**ОШХОНА** آش خانه 1. ҷое, ки хӯрок мепазанд. 2. ҷое, ки таомҳои гуногун пухта мефурӯшанд.

**ОШХОНАДОР** آش خانه دار 1. ҷое (ҳавлие), ки ошхона дорад. 2. соҳиби ошхона.

**ОШХӮР** آش خور 1. он ки ош хӯрданро дӯст медорад. 2. хӯранда; **ошхӯру нонхӯри атроф** ҳамаи сокинони гирду пеши як маҳал.

**ОШХӮРА** آش خوره зарфе, ки дар он ба сагу гурба хӯрок медиҳанд.

**ОШХӮРАК** آش خورک дастмоле, ки вақти хӯроккхӯрӣ ба сари синаи кӯдакон мебанданд, пешгирак.

**ОШХӮРӢ** آش خوری хӯрдани таом, сарфи хӯрок (палав); **зарфҳои ошхӯрӣ** зарфҳое, ки таоми тайёрро ба онҳо мекашанд (*табақ, коса ва г.*).

**ОЯ** I **//ОЯТ** آیه//آیت *кит.* 1. нишон, аломат. 2. далел, ҳуҷҷат, бурҳон. 3. мӯъҷиза, каромат. 4. *д.* як сухани тамом аз Қуръон, ки дар он сураҳо аз оёт таркиб ёфтаанд; ҳар кадом фикраи Қуръони Маҷид, ки бад-он вақф кунанд.

**ОЯ** II آیه *гуфт.* 1. модар. 2. мурочиати муаддабона ба зани солманд.

**ОЯНД** آیند *шакли шеърии* **оянда**.

**ОЯНДА** آینده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **омадан**; он ки ва он чи меояд; **ояндаву раванда** рафту омадкунанда. 2. дар пеш истода, он чи воқеъ хоҳад шуд; **панҷшанбеи оянда** панҷшанбее, ки дар пеш аст, **фарзанди оянда** фарзанде, ки акнун таваллуд хоҳад ёфт. 3. истиқбол; *муқоб.* **гузашта**; **дар оянда** минбаъд.

**ОЯНДАБИНӢ** آینده بینی пешбинӣ, пешгӯӣ; дурбинӣ.

**ОЯНДАДОР** آینده دار он ки ва он чи дорои оянда аст, он ки ояндаи дурахшон дорад, он чи истиқболи равшан дорад; умедбахш.

# П

**П** *ҳарфи бистуми алифбои ҳозираи тоҷикӣ; дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ ҳарфи* пе (پ )*; дар ҳисоби абҷад монанди ҳарфи* бе (ب) *ба адади 2 баробар аст*

**ПАГАҲ** پگه *ниг.* **пагоҳ**.

**ПАГАҲӢ** پگهی *ниг.* **пагоҳӣ**.

**ПАГАҲХЕЗ** پگه‌خیز *ниг.* **пагоҳхез**.

**ПАГАҲХЕЗӢ** پگه‌خیزی *ниг.* **пагоҳхезӣ**.

**ПАГОҲ** پگاه 1. аввали саҳар, аввали бомдод; **аввали пагоҳ** субҳи зуд, субҳи барвақт; **ҳар пагоҳ** ҳар саҳар; **(аз) пагоҳ то бегоҳ** аз аввали саҳар то фаворасии шом, тамоми рӯз. 2. рӯзи дигар; фардо; **пагоҳи дигар** рӯзи дигар; **пагоҳ-бегоҳ**, **пагоҳ-фардо** пас аз як-ду рӯз, рӯзҳои наздик.

**ПАГОҲИНА** پگاهینه *ниг.* **пагоҳӣ** 2: **шабнами пагоҳина**.

**ПАГОҲИРӮЗ** پگاهی‌روز *ниг.* **пагоҳӣ**.

**ПАГОҲИРӮЗӢ** پگاهی‌روزی *ниг.* **пагоҳӣ**.

**ПАГОҲӢ** پگاهی 1. вақти субҳ, саҳарӣ, субҳгоҳ, саҳаргоҳ; *муқоб.* **бегоҳӣ**; **пагоҳии барвақт** аввали субҳ; **пагоҳии дигар** саҳари рӯзи ди гар; **аввали пагоҳӣ** саҳарии барвақт; **аз пагоҳӣ то бегоҳӣ** аз саҳар то бегоҳии рӯз, тамоми рӯз; **ҳар пагоҳӣ** ҳар саҳар. 2. *мансуб ба* **пагоҳ**: **офтоби пагоҳӣ**, **насими пагоҳӣ**.

**ПАГОҲОН** پگاهان субҳгоҳон, саҳаргоҳон, саҳаргоҳон.

**ПАГОҲОНӢ** پگاهانی 1. вақти саҳар, саҳари барвақт. 2. саҳарӣ, пагоҳӣ, *мансуб ба* **пагоҳ**.

**ПАГОҲТАР//ПАГАҲТАР** پگاه‌تر//پگه‌تر зудтар, барвақттар.

**ПАГОҲХЕЗ** پگاه‌خیز саҳархез, барвақтхез.

**ПАГОҲХЕЗӢ** پگاه‌خیزی саҳархезӣ, барвақт хезӣ.

**ПАГОҲШАБ** پگاه‌شب фардошаб, шаби оянда.

**ПАҒА** پغه *кит.* 1. пахтаи як ғӯзаи кушода; *муқ.* **поға**. 2. *маҷ.* резаҳои калон-калони барф: **пағаҳои барфи лаклакӣ**, **паға-паға** а) пағаҳои бисёр; б) *маҷ.* печ дар печ, печон: **паға–паға дуд**.

**ПАҒАНА** پغنه пӯсти барраи пашмдароз.

**ПАҒАТОБӢ** پغه‌تابی пахтаи ҳаллоҷишударо тофта ба ресидан омода кардан.

**ПАҒНА** پغنه *меъ.* зинапоя, нардбон.

**ПАДА** پده *кит.* 1. як навъ дарахт, ки ба бед монанд аст. 2. дарахти хушкшуда. 3. чӯби пешдаргирон.

**ПАДАНДАР** پداندر *ниг.* **падарандар**.

**ПАДАР** پدر 1. марде, ки аз вай фарзанд ба

вуҷуд омадааст, соҳиби фарзанд, калони оила нисбат ба зану фарзанд (он); **падару модар** волидон, волидайн; **бар падаратон раҳмат**! *ибораест, ки барои тақдири коре ё изҳори миннатдорӣ бар касе гуфта мешавад*; **оқи падар** *ниг.* **оқ**; **падар шудан** соҳиби фар занд гаштан; **падарони мо** гузаштагони мо. 2. *маҷ.* асосгузор, бунёдгузори чизе, соҳае: **падари таърих**. 3. мурoҷиати боэҳтиром нисбат ба марди солхӯрда. 4. *маҷ.* роҳбар, роҳнамо: **падари маънавӣ**.

**ПАДАРАНДАР** پدراندر падари ӯгай, шавҳари модар.

**ПАДАРАРӮС** پدرعروس падари арӯс, падарзан, хусур.

**ПАДАРБЕЗОР** پدربیزار 1. аз падари худ безор, падарбадбин. 2. оқи падар, ба ғазаби падар гирифторшуда.

**ПАДАРБУЗУРГ** پدربزرگ *кит.* падари падар ё модар, бобо, ҷад(д).

**ПАДАРВАКИЛ** پدروکیل яке аз хешовандони арӯс, ки вақти никоҳ розигии арӯсро пур сида ба домуллои никоҳхон аз номи арӯс ризоият медиҳад.

**ПАДАРВОР**پدروار мисли падар, монанди па дар, падарона.

**ПАДАРДОДА** پدرداده бахшидаи падар, падарбахшида, мероси падар.

**ПАДАРДОР** پدردار 1. он ки падар дорад. 2. *гуфт., маҷ.* тарбиятдида, аз оилаи хуб.

**ПАДАРЗАН** پدرزن *ниг.* **падарарӯс**.

**ПАДАРӢ** پدری 1. *мансуб ба* **падар**; **ҳавлии (хонаи) падарӣ**, **номи падарӣ**. 2. мисли падар будан; ғамхорӣ, меҳрубонӣ, роҳнамоӣ; **падарӣ кардан** а) мисли падар ғамхорӣ кардан; б) меҳрубонӣ кардан, ғамхорӣ намудан.

**ПАДАРКАЛОН** پدرکلان *ниг.* **падарбузург**.

**ПАДАРКУШ** پدرکش он ки падарашро куштааст.

**ПАДАРКУШӢ** پدرکشی 1. куштани падар. 2. *маҷ.* душманӣ, хусумат, кинаварзӣ.

**ПАДАРКУШТА** پدرکشته 1. он ки падарашро кушта бошанд. 2. *маҷ.* шахси хеле бадқаҳру қасосгир.

**ПАДАРҚУСУР** پدرقسور *гуфт., таҳқ.* 1. кӯтоҳақл, аблаҳ. 2. фиребгар, корчаллон.

**ПАДАРЛАЪНАТ** پدرلعنت 1. *таҳқ.* фарзанди шахси лаънатшуда, падараш лаънатшуда. 2. *маҷ.* бадкор, зишт, нобакор.

**ПАДАРМОДАР** پدرمادر *кит.* падари модар, бобои модарӣ.

**ПАДАРМУРДА** پدرمرده он ки падараш мурда-аст, ятим, сағира, бепадар.

**ПАДАРОЗОР**پدرآزار он ки падари худро озор медиҳад, озордиҳандаи падар.

**ПАДАРОНА** پدرانه 1. мисли падар, падарвор; ғамхорона. 2. *мансуб ба* **падар**: падарӣ.

**ПАДАРРАҲМАТ** پدررحمت 1. падараш раҳмат-шуда, фарзанди шахси лоиқи таъриф (*дар мавриди таҳсин ва тақдир*). 2. *маҷ.* одами хуб, раҳмдил, меҳрубон.

**ПАДАРСАГ** پدرسگ *таҳқ.* одами бадкешро гӯянд, падарлаънат, ҳангоми қаҳру ғазаб ва аз ҳад нороҳат шудан барои нишон додани пасти ҳақир будани шахсе мегӯянд.

**ПАДАРСОЛОР** پدرسالار хусусияти ҷомеаи ибтидоӣ, ки дар он падар ё солхӯрдатарин мард сардори авлод буд, падарсолорӣ: **ҷомеаи падарсолор**, **низоми падарсолор**.

**ПАДАРСОЛОРӢ** پدرسالاری *ниг.* **падаршоҳӣ**.

**ПАДАРСӮХТА** پدرسوخته *таҳқ.* ҳангоми асабонӣ шудан ва ба қаҳру ғазаб омадан ба шахси сабабгори ин воқеа гуфта мешавад.

**ПАДАРФАРЗАНДӢ** پدرفرزندی муносибати (дӯстона) байни падару фарзанд.

**ПАДАРХОНД(А)** پدرخوانده//پدرخواند касе, ки падар хонда шудааст, шахсе, ки касе ӯро ба ҷойи падар қабул кардааст, ҷойгири падар.

**ПАДАРҶАД** پدرجد падари бобо, сари аҷдод, ниё.

**ПАДАРШАВҲАР** پدرشوهر *кит., ниг.* **падар-шӯй**.

**ПАДАРШОҲӢ** پدرشاهی *таър.* давраи ибти-доии қабилавӣ, ки сардори қабила аз мардҳо (патриарх) буд, падарсолорӣ.

**ПАДАРШӮЙ** پدرشوی падари шавҳар, хусури зан.

**ПАДВОЗ** پدواز *кит.* макон ва ҷойи нишастани парандагон (*мас., ду чуби амудӣ ва як чуби уфуқӣ бо ҳам зада мешаванд, то болои он парандагон ҷой гиранд*).

**ПАДИД** پدید намоён, зоҳир, падидор; ошкоро, ҳувайдо; **падид гардидан (шудан)** а) намоён шудан, ошкор шудан, зоҳир гаштан; б) пайдо шудан, ба вуҷуд омадан; **падид кардан** ошкор кардан, зоҳир кардан, намудор кардан; **падид овардан** пайдо кунондан; ба вуҷуд овардан; **падид омадан** а) намоён шудан; б) пайдо шудан, ба вуҷуд омадан.

**ПАДИДА** پدیده чизи зоҳиршуда, ҳодиса: **падидаи нодир**, **падидаҳои адабиёт**, **падидаҳои нав**.

**ПАДИДАШИНОСӢ** پدیده‌شناسی *фалс.* таҳқиқ ва пажӯҳиши ҳар он чи дар таҷрибаи ҷаҳонӣ дида мешавад, феноменология.

**ПАДИДАШИНОСОНА** پدیده‌شناسانی аз рӯи падидашиносӣ, бод иди воқеъбинона.

**ПАДИДОВАРАНАДА** پدیدآورنده ба вуҷудоваранда, таълифкарда, муаллиф ё нависандаи китоб.

**ПАДИДОӢ** پدیدائی падид омадан, намудор (зоҳир) шудан; пайдо гаштан.

**ПАДИДОР** پدیدار ошкор, намоён, намудор, ҳувайдо; **падидор гаштан (гардидан, шудан)** намоён гаштан, зоҳир шудан; пайдо шудан.

**ПАДИДОРӢ** پدیداری ошкор шудан (гардидан), намоён шудан, ошкор гардидан.

**ПАДИДОРШИНОСӢ** پدیدارشناسی *ниг.* **падидашиносӣ**.

**ПАДРАХТА** پدرخته *кит.* ғамгин, андӯҳгин, ҳазин, маҳзун.

**ПАДРУД** پدرود видоъ, хайрухуш, «хайр» гуфта аз ҳамдигар ҷудо шудан; **падруд гуфтан (кардан)** видоъ кардан, хайрухуш намудан; **ҷаҳонро падруд гуфтан** аз ҷаҳон чашм пӯшидан, мурдан.

**ПАДРУДАН** پدرودن видоъ кардан, хайрухуш кардан, ҷудо шудан аз ҳамдигар.

**ПАЁБ** پیاب *кит.* 1. буни ҳавз, таҳи об; қаъри об. 2. *маҷ.* нуқтаи интиҳои ҳар чиз; ◊**харобу паёб** тамоман вайрон шудан.

**ПАЁМ** پیام 1. пайғом, хабар, рисолат. 2. салом, дуруд, таҳният, муборакбодӣ; орзуи нек кардан бар касе; мурочиат; **паём бурдан** салом расонидан, пайғоми касеро ба касе бурда расондан (*даҳонӣ ё хаттӣ*); **паём гуфтан** салом расонидан; **паём додан** хабар додан, хабар расондан; **паём овардан (расондан)** хабар овардан; таҳнияти касеро расонидан; салом гуфтан (*аз номи касе*); **паём фиристодан** хабар фиристодан

**ПАЁМБАР** پیامبر 1. *ниг.* **пайғамбар**. 2. пайғомбаранда, хабаррасонанда, хабаррасон, қосид, расул.

**ПАЁМБАРГУНА** پیامبرگونه *ниг.* **паёмбарона**.

**ПАЁМБАРӢ** پیامبری 1. *мансуб ба* **паёмбар**. 2. пайғомбарӣ, қосидӣ. 3. расулӣ.

**ПАЁМБАРОНА** پیامبرانه монанди паёмбар, бо тарз ва шеваи паёмбар.

**ПАЁМГИР** پیام‌گیر он ки ё он чи, ки паёмро мепазирад; **паёмгири телефон** дастгоҳе, ки ҳангоми набудани соҳиби телефон ба тамосҳо ҷавоб гуфта онҳоро сабт менамояд.

**ПАЁМГУЗОР** پیام‌گزار он ки паём мебарад, паёмбар, қосид.

**ПАЁМГУЗОРӢ** پیام‌گزاری *исми амал аз* **паём гузоштан**, қосидӣ, паёмбарӣ, паёмгузор будан.

**ПАЁМНАМО** پیام‌نما *нав.* телетекст, нишондиҳандаи паём дар наворҳо.

**ПАЁМНИГОР** پیام‌نگار *нав.* почтаи электронӣ, эмайл.

**ПАЁМОВАР** پیام‌آور пайғомоваранда, пайғом расонанда, хабаровар, қосид.

**ПАЁПАЙ** پیاپی 1. паси ҳам, паиҳам, пай дар пай, яке паси дигаре, пайваста. 2. муттасил, беист; **паёпай омадан** паси ҳам омадан, паси якдигар омадан; **паёпай шудан** паси ҳам воқеъ шудан.

**ПАЁПАЙӢ** پیاپیی 1. пайдарпайӣ, пайҳамӣ, пасиҳамдигарӣ. 2. муттасилӣ, ҳамешагӣ.

**ПАЖ** پژ *кит.* 1. замини ноҳамвор. 2. кӯтал, теғаи кӯҳ.

**ПАЖАН** پژن *кит.* заған; парандаи гуштхӯр, ғалевоҷ.

**ПАЖАНД** پژند *кит., кҳн.* 1. гиёҳи худрӯй ва хушбӯи хӯрданбоб. 2. ҳанзал.

**ПАЖВИН** پژوین *кит.* чиркин, ифлос.

**ПАЖВОК** پژواک *кит.* акси садо; овози такрор.

**ПАЖМОН** پژمان *кит.* ғамгин, андӯҳгин, афсурда.

**ПАЖМОНӢ** پژمانی *кит.* ғамгинӣ, андӯҳгинӣ, афсурдагӣ.

**ПАЖМОНҲОЛ** پژمان‌حال *кит.* афсурдаҳол, хотирпарешон.

**ПАЖМУРДА** پژمرده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **пажмур(и)дан**. 2. рӯй ба хушкӣ оварда, афсурдашуда, хазоншуда, бетароват (*дар бораи наботот*): **гули пажмурда**. 3. *маҷ.* маъюс, ғамгин, андӯҳгин, хаста; **пажмурда гардидан (шудан)** а) *маҷ.* ғамгин шудан; б) афсурдан, тароват ва равнақи худро аз даст додан, хушк шудан; **пажмурда кардан** а) бетароват сохтан, хушк кардан; б) *маҷ.* беқуввату суст гардонидан; в) *маҷ.* ғамгину озурда кардан

**ПАЖМУРДАГӢ** پژمردگی 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **пажмурдан**. 2. бетароватӣ, беобутобӣ; афсурдагӣ. 3. *маҷ.* андӯҳгинӣ, ғамгинӣ.

**ПАЖМУРДАДИЛ** پژمرده‌دل афсурдадил, шикастадил, ғамзада.

**ПАЖМУРДАН** پژمردن 1. беобутоб шудан, бетароват шудан, афсурдан, рӯй ба хушкшавӣ овардан, хазон шудан. 2. *маҷ.* афсурда шудан, озурда шудан, хаста ва малул шудан, ғамгин шудан.

**ПАЖМУРДАНӢ** پژمردنی хазоншуданӣ, он чи ё он ки ҳамеша шодобу шукуфон намемонад.

**ПАЖМУРДАРӮЙ** پژمرده‌روی он ки рӯяш ожанг дорад (*аз ғам ё аз синну сол*), пир.

**ПАЖМУРДАРӮҲ** پژمرده‌روح шикастарӯҳ, афтодарӯҳ, дилмонда; ноумед.

**ПАЖМУРДАҲОЛ** پژمرده‌حال афсурдаҳол, ғамгин, малӯл, ошуфтаҳол.

**ПАЖМУРИДА** پژمریده *кит.* пажмурда.

**ПАЖОВАНД** پژاوند *кҳн.* чӯбе, ки дар паси дар барои маҳкам кардани он кӯндаланг аз ҳалқа гузаронида мешавад; ғалақа.

**ПАЖОГИН//ПАЖОГАН** پژاگن *кит.* чиркин, палид, олуда.

**ПАЖУЛ** پژول шитолинг, бучулаки пой.

**ПАЖӮЛИДА** پژولیده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **пажӯлидан**; ошуфта, парешонҳол; рангзард. 2. парешон, бетартиб (*мас., мӯй*).

**ПАЖӮЛИДАН** پژولیدن 1. пажмурда шудан, пажмурда кардан. 2. *маҷ.* парешон шудан, ошуфта шудан. 3. *маҷ.* бетартиб шудан, титу пит шудан.

**ПАЖӮЛОН(И)ДАН** پژولاندن//پژولانیدن *тарзи бавоситаи* **пажӯлидан**; парешон кардан, ошуфтан.

**пажӯҳ** پژوه 1. *асоси замони ҳозира аз* **пажӯҳидан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* пажӯҳанда *ва* ҷӯянда: **донишпажӯҳ**, **динпажӯҳ**.

**ПАЖӮҲАНДА** پژوهنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **пажӯҳидан**. 2. ҷустуҷӯкунанда, ҷӯянда. 3. муҳаққиқ, таҳқиқгар.

**ПАЖӮҲАНДАГӢ** پژوهندگی 1. ҷӯяндагӣ. 2. муҳаққиқӣ, таҳқиқгарӣ.

**ПАЖӮҲИДА** پژوهیده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **пажӯҳидан**. 2. хирадманд, оқил, доно.

**ПАЖӮҲИДАН** پژوهیدن 1. ҷустуҷӯ кардан, ҷӯё шудан; пурсида фаҳмидан, бозҷӯй. 2. таҳқиқ кардан, баррасӣ кардан.

**ПАЖӮҲИШ** پژوهش 1. ҷустуҷӯ, кофтуков. 2. омӯзиш, таҳқиқ; **пажӯҳиш кардан** таҳқиқ кардан; тадқиқот бурдан. 3. *кит.* бозпурсӣ, дархост. 4. *кит.* ғамхорӣ, парасторӣ.

**ПАЖӮҲИШГАР** پژوهشگر 1. ҷустуҷӯкунанда, кобанда. 2. омӯзанда, муҳаққиқ, таҳқиқгар, олим.

**ПАЖӮҲИШГОҲ** پژوهشگاه муассисаи илмию таҳқиқотӣ, институт.

**ПАЖӮҲИШӢ** پژوهشی *марбут ва мансуб ба* **пажӯҳиш**; **муассисаи пажӯҳишӣ** муассисаи тадқиқотӣ.

**ПАЖӮҲИШКАДА** پژوهشکده *нав.* созмон ё муассисаи вобаста ба пажӯҳишгоҳ, ки бахше аз пажӯҳишгоҳи илмӣ дар он ҷо сурат мегирад.

**ПАЖӮҲИШКОР** پژوهشکار *ниг.* **пажӯҳишгар**.

**ПАЖӮҲИШНОМА** پژوهشنامه *нав.* навишта ё китоби илмие, ки натиҷаи кори илмиву таҳқиқотӣ доир ба мавзӯе дар як бахши илм мебошад.

**паз** پز 1. *асоси замони ҳозира аз* **пухтан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* пазанда, тайёркунанда; **нонпаз**, **ошпаз** *ва г.*; **пухту паз** хӯрок тайёр кардан, таом пухтан.

**ПАЗАНДА** پزنده 1. он ки чизеро мепазанд, пазандаи хӯрок, ошпаз. 2. хӯрокпази моҳир, аҳли ҳунари пазандагӣ; **гандум ҳама ҷо, пазанда ҷо-ҷо** (*мақ.*).

**ПАЗАНДАГӢ** پزندگی 1. хӯрок пухтан, ҳунари хӯрокпазӣ. 2. касби пазандагӣ.

**ПАЗИДАН** پزیدن *ниг.* **пухтан.**

**пазир** پذیر 1. *асоси замони ҳозира аз* **пазируфтан**. 2. *дар ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* қабулкунанда, пазиранда ва мақбулу писандида: **имконпазир**, **ислоҳпазир**, **дилпазир** ва *г.*

**ПАЗИРА** پذیره 1. *кит.* истиқбол, пешвоз (-и касе); **пазира кардан** пешвоз гирифтан; **пазира шудан** а) истиқбол намудан, пешвоз гирифтан; б) рӯ ба рӯ гаштан барои муқобила; муқобил шудан; в) моил шудан; г) пазируфтан; ғ) ба итоат даромадан. 2. қабул кардан, мақбул донистан, мувофиқ шумурдан.

**ПАЗИРАНДА** پذیرنده 1. қабулкунанда, истиқболкунанда, (*мас., меҳмонро*). 2. мувофиқ (*бо чизе*).

**ПАЗИРИШ** پذیرش қабул, пазируфтан, истиқбол.

**ПАЗИРО** پذیرا 1. *ниг.* **пазиранда**. 2. пешраванда; суханшунаванда; фармонбардор; қабулкунанда.

**ПАЗИРОӢ** پذیرائی қабул, истиқбол, бо эҳтиром пешвоз гирифтан; **пазироӣ кардан (намудан)** пазируфтан, қабул кардан, меҳмондорӣ кардан.

**пазируфт** پذیرفت 1. *асоси замони гузаштаи феъл аз* **пазируфтан**; мувофиқа, муоҳида. 2. *кит.* аҳд, ӯҳдадорӣ.

**ПАЗИРУФТА** پذیرفته 1. қабулшуда, қабулгардида. 2. ба зимма гирифташуда, ба ӯҳда гирифташуда, аҳдшуда; **пазируфта шудан** қабул гардидан, иҷобат ёфтан.

**ПАЗИРУФТАН** پذیرفتن 1. қабул кардан, гирифтан. 2. ба худ қабул кардан, мақбул доштан (*матлаберо, насиҳатеро, суханеро*). 3. истиқбол кардан, эҳтиром (-и меҳмон)-ро ба ҷо овадан. 4. ҷоиз, шумурдан, писандидан. 5. *кит.* аҳд кардан, ӯҳдадор шудан; **анҷом пазируфтан** ба охир расидан, анҷом ёфтан.

**ПАЗИРУФТАНӢ** پذیرفتنی қобили қабул, қабул карданӣ, лоиқи қабул.

**ПАЗИРУФТГОРӢ** پذیرفتگاری *кит.* 1. қабул кардан, тақаббул; **пазируфтгорӣ кардан** қабул кардан, пазироӣ кардан. 2. ба ӯҳда гирифтан, ба кафолат гирифтан.

**ПАЗИРУФТОР** پذیرفتار *кит.* зомин, кафил, мутасаддӣ.

**ПАЗИРУФТОРӢ** پذیرفتاری пешвозгирӣ, қабул кардан; **пазируфторӣ кардан** а) пешвоз гирифтан, қабул кардан, б) меҳмондорӣ кардан.

**ПАЗИШ** پزش 1. пухтан (*мас., хӯрокро*). 2. *тех.* пухтан (*мас., хиштро*).

**ПАЗМОН** پزمان 1. ёди касе ё чизе кардан, дар ёди касе ё чизе шудан, сахт дар орзуи дидани касе ё чизе. 2. мунтазири чизе, касе, талабгори касе, чизе; **пазмон будан** дар ёди касе, чизе будан; дар интизори (талаби) чизе будан; **пазмон гаштан (шудан)** ёд кардан (касеро, чизеро), ҳаваси дидани касе ё чизеро кардан.

**ПАЗМОНӢ** پزمانی *ниг.* **пазмоншуда**.

**ПАЗМОНШУДА** پزمانشده дар ёди касе беқарор шуда, дар талаби дидани касе, чизе буда.

**ПАЗО** پزا *кит.* он чи зуд дар ҳарорати кам пухта шавад.

**ПАЗОН** پزان 1. *аз масдари* пухтан *ва* пазондан; дар ҳоли пухтан. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* расидан ва пухтани чизе дар замони муайян ва ё дар маросими хос: **ангурпазон**, **тутпазон**, **ширинипазон**.

**ПАЗОНАНДА** پزاننده *шакли бавоситаи* пазонда он чи ба пухтагӣ мерасонад, ба қивом расонанда.

**ПАЗОН(И)ДАН** پزاندن//پزانیدن 1. *шакли бавоситаи феъли* **пухтан.** 2. пухта тайёр кунонидан (*ба воситаи касе*); **хӯрок пазондан**. 3. тайёр кардан, омода сохтан; ёд додан; обу-

тоб додан. 4. омода кардан, ҳал кардан: **пазондани кор**.

**ПАЙ** I پی *биол.* раг, ришта дар бадани инсон ва ҳайвонот; **рагу пай** ришта ва бофтаҳои бадан.

**ПАЙ** II پی 1. *шакли дигари* **пой**; **некпай, ҳуҷистапай**. 2. нақш, асар, из, нишон, изи пой ё ягон чизи дигар. 3. *кит.* бун, таҳкурсӣ. 4. *маҷ.* қасд, азм, ирода; **пайи ҷон будан** дар қасди ҷон будан. 5. пас, дунбол; **аз пайи**... аз паси... аз дунболи...; **пайи ҳам** а) паси ҳамдигар, аз дунболи якдигар; б) муттасил, канданашуд; **пай дар пай** паси ҳам; муттасил; **аз пайи** *касе, чизе* **афтодан** касеро, чизеро таъқиб кардан; **аз пайи кори худ шудан** ба кори худ машғул шудан, аз дунболи (ақиби) кори худ рафтан; **аз пайи** чизе **рафтан (шудан)** барои ба даст даровардани чизе ё иҷрои коре рафтан; **дар пайи** *касе* **афтодан** а) аз пайи касе рафтан, ба *касе* пайравӣ кардан; б) таъқиб кардан (*мас., дуздро*); **дар пайи чизе рафтан** барои коре (чизе) талаф (қурбон) шудан; **пайи** *касе* (*чизе*) **канда шудан** қатъ шудани рафтуои касе (чизе); барҳам хӯрдани чизе; **пайи коре шудан** барои иҷрои коре кӯшиш кардан; дунболи коре рафтан; **пай афкандан** бино кардан, бунёд намудан; **пай бурдан** донистан, воқиф шудан, огоҳ гаштан, сарфаҳм рафтан; **пай гирифта рафтан** изи (нақши) чизеро таъқиб карда рафтан; **пай гум кардан** а) гум кардани асари (нақши) пои касеро, нишони чизи ҷустаниро гум кардан; б) нақши пайи худро нест кардан; **дар пайи** *чизе* **гаштан** аз пайи чизе шудан; дар суроғи чизе будан; **на пай ҳасту на Ҳайдар** даракаш нест, тамоман нопадид.

**ПАЙ** III پی бор, карат, навбат, дафъа.

**ПАЙАФКАН** پی‌افکن *кит.* он ки бар бино намудани чизе қадами нахустин мегузорад; асосгузор.

**ПАЙАФКАНӢ** پی‌افکنی 1. пайафкандан. 2. асосгузорӣ, омодагӣ, тайёрӣ, таҳкурсӣ гузоштан.

**ПАЙБАРӢ** پی‌بری пай бурдан, донистан; хабардор шудан; ҳис кардан.

**пайванд** پیوند *асоси замони ҳозира аз* **пайвастан**.

**ПАЙВАНД** پیوند 1. ҳамбаст, пайваст, иттисол, васл, пайвастагӣ. 2. алоқа, муносибат; **пайванд буридан** а) тарки муносибат (алоқа) кардан; б) аз хешу табор даст кашидан. 3. хешу табор, наздик; **хешу пайвандон**. 4. *биол.* пайванд (соқаи гул, навдаи дарахт ва *г.*) бо мақсади ба вуҷуд омадани навъи беҳтар (*пайванд усулҳои гуногун дорад:* баргпайванд, исканапайванд, найчапайванд, муғҷапайванд ва *г*). 5. *биол.* банд, буғум; **пайванди даст** буғуми даст, банди даст. 6. *тиб.* як узв ё бофтаи бадани инсонро ба узв ё бофтаи дигараш иваз намудан, трансплантатсия; **пайванд кардан** а) пайвастан, часпондан (чизеро ба чизе); кафшер кардан, алоқаманд намудан; б) узви гиёҳеро ба дигаре пайваста кардан; в) ба ҳам хешу табор кунондан; г) *тиб.* трансплантатсия кардан.

**ПАЙВАНДАК** پیوندک *збш.* ҳиссаи номустақили нутқ, ки аъзои ҷумларо ба ҳам мепайвандад.

**ПАЙВАНДАКДОР** پیوندکدار *збш.* дорои пайвандак, ҷумлае, ки бо пайвандак омадааст: **ҷумлаи мураккаби пайвасти пайвандакдор**.

**ПАЙВАНДГАР** پیوندگر 1.васлгар, кафшергар. 2. он ки бо пайванд кардани растаниҳо машғул аст.

**ПАЙВАНДГАРӢ** پیوندگری 1. васлгарӣ, кафшергарӣ. 2. машғул ба пайванд кардани растаниҳо ва дарахтон.

**ПАЙВАНДГАҲ** پیوندگه *ниг.* **пайвандгоҳ**.

**ПАЙВАНДГОҲ** پیوندگاه 1. ҷои пайванд шудан, ҷои пайваст шудан, ҷои иттисол; ҷои васл шудан. 2. *биол.* буғум, банд.

**ПАЙВАНДДОР** پیونددار 1. он чи ҷои пайванд дорад. 2. хешу табордор.

**ПАЙВАНДИШ** پیوندش *кит.* пайвастагӣ, пайванд, иттисол.

**ПАЙВАНДӢ** پیوندی 1. пайвандшуда, васлшуда, кафшершуда. 2. дарахт ё буттаи пайвандшуда: **зардолуи пайвандӣ**. 3. муносибат, робита: **хешию пайвандӣ**. 4. *тиб.* трансплантатсияшуда.

**ПАЙВАНДКОРӢ** پیوندکاری *ниг.* **пайванд** 4.

**ПАЙВАНДКУНАК** پیوندکنک *тех.* васлак, пайвандгар, асбоби васлкунак.

**ПАЙВАНДКУНАНДА** پیوندکننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **пайванд кардан**. 2. пайвасткунанда, васлкунанда: **бофтаи пайвандкунанда**. 3. *збш.* аъзои ҷумларо ба ҳам пайвасткунанда: **калимаи пайвандкунанда**.

**ПАЙВАНДКУНӢ** پیوندکنی пайванд кардан,

ба ҳам пайваст кардан, васлкунӣ.

**ПАЙВАНДНОПАЗИР** پیوندناپذیر пайвандношуданӣ, васлнашаванда, васлнопазир.

**ПАЙВАНДХӮРДА** پیوندخورده 1. пайвандшуда, васлшуда; кафшершуда. 2. дарахт ё буттаи пайвандӣ.

**ПАЙВАНДШАВАНДА** پیوندشونده васлшаванда, кафшершаванда.

**ПАЙВАНДШАВАНДАГӢ** پیوندشوندگی васлшавандагӣ.

**пайваст** پیوست *асоси замони гузашта аз* **пайвастан**.

**ПАЙВАСТ** پیوست 1. пайвандшуда, иттисолёфта, басташуда (бо ҳам); **пайваст будан** а) васл будан, пайванд будан; алоқаманд будан; б) робита доштан, наздик будан; **пайваст кардан** пайванд кардан, ҳамроҳ кардан; **пайваст шудан** а) васл шудан, пайванд гаштан, ҳамроҳ шудан; б) алоқаманд гардидан. 2. *збш.* навъи алоқа: **алоқаи пайваст**. 3. *хим.* пайваста; **пайвастҳои химиявӣ** моддаҳои мураккабе, ки аз таркибҳои гуногуни ба таври химиявӣ пайвастшуда таркиб ёфтаанд.

**ПАЙВАСТА** پیوسته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **пайвастан**. 2. ба ҳам васлшуда, муттасил, ба ҳам алоқаманд; **абрӯ(вон)-и пайваста** абрӯе, ки миёнаш бо ҳам васл шудааст. 3. ҳамеша, доимо, мудом. 4. пайи ҳам; дам ба дам; **бо ҳам пайваста** бо ҳам пайванд; бо ҳам алоқаманд; **пайваста будан** пайванд будан, иттисол доштан. 5. *хим., ниг.* **пайваст** 3: **пайвастаҳои органикӣ**.

**ПАЙВАСТААБРӮ** تیوسته‌ابرو он ки абрӯвонаш бо ҳам пайванд аст, қошпайванд, абрӯҳои бо ҳам пайванд.

**ПАЙВАСТАГӢ** پیوستگی 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **пайвастан**. 2. алоқа, робита; иттифоқ, иттиҳод: **пайвастагӣ доштан**. 3. ҳамешагӣ, доимӣ.

**ПАЙВАСТАГОН** پیوستگان *ҷ.* пайваста; гузаштагон; ◊ **хешону пайвастагон** наздикон, хешу таборҳо.

**ПАЙВАСТАН** پیوستن 1. пайваст кардан, муттасил намудан, ба ҳам бастан, бо ҳам вобаста кардан. 2. пайваст шудан, иттисол ёфтан. 3. ҳамроҳ шудан, якҷоя гаштан. 4. муттаҳид шудан, иттифоқ кардан. 5. вобаста кардан, мутааллиқ намудан; **ба вуқӯъ пайвастан** воқеъ шудан, ба вуҷуд омадан; рӯй додан; ◊ **ба раҳмати эзидӣ пайвастан**, **ба ҷавори раҳмати ҳақ пайвастан** мурдан, вафот кардан.

**ПАЙВАСТКУНАНДА** پیوست‌کننده 1. *ниг.* **пайвандкунанда**. 2. *збш.* пайвасткунанда; **пайвандаки пайвасткунанда**.

**ПАЙВАСТКУНӢ** پیوست‌کنی чизеро ба ҳам пайваст кардан, пайванд кардан, васл кардан.

**ПАЙВАСТОР** پیوستار *кит.* бо ҳам пайванди зич дошта, пайвасти ҷудонопазир.

**ПАЙВАСТШАВАНДА** پیوست‌شونده пайвандшаванда, васлшаванда, кафшершаванда.

**ПАЙВАСТШАВӢ** پیوست‌شوی пайвастан, пайваст шудан, пайванд шудан, иттисол.

**ПАЙГАРД** پیگرد 1. *нав.* таъқиб, ҷустор, кофтуков. 2. *лаҳҷ.* аз роҳи омада ба ақиб рафтан, баргаштан ба роҳи омад; **пайгард рафтан** ба роҳи омада ақиб гаштан, ба роҳи омада гашта рафтан.

**ПАЙГИР** پیگیر 1. таъқибкунанда, дунболгиранда: **саги пайгир**. 2. пайи чизеро гирифта раванда. 3. пайшинос. 4. ҷустуҷӯкунанда, кофтуковкунанда.

**ПАЙГИРӢ** پیگیری пай гирифтан, барои фаҳмидани чизе ва донистани воқеае аз паси он шудан; дунболаи чизе рафтан.

**ПАЙГИРОНА** پیگیرانه 1. доимӣ, бардавом, бетаъхир: **кӯшишҳои пайгиронаи ҳукумат**. 2. пофишорона, якравона.

**ПАЙГОР** پیگار 1. пай мондан, гузоштани изи чизе 2. пайрав, пайравӣ.

**ПАЙГУМ** پیگم бенишон, бедаракшуда; **пайгум шудан (гардидан, задан)** бедарак гум шудан, бенишон ғайб задан.

**ПАЙГУМКАРДА** پی‌گم‌کرده 1. он ки изи пойи касе ё чизе гум кардааст: **сайёди пайгумкарда**. 2. роҳгумзада; пешпохӯрда.

**ПАЙГУМКУНӢ** پی‌گمکنی 1. асари пойи худро пӯшонидан, изи худро нест кардан. 2. *маҷ.* ба ғалат андохтан, касеро ба иштибоҳ мондан. 3. нишони пои касеро наёфтан.

**ПАЙГУСАСТА** پی‌گسسته *кит.* суст, алоқаканда, барканда.

**ПАЙГУФТОР** پی‌گفتار он чи дар охири китоб ё мақола менависанд, охирсухан.

**ПАЙҒАВӢ** پیغوی *кит.* 1. *мансуб ба* **пағу**. 2. яке аз намудҳои хати ҳиндӣ.

**ПАЙҒАЛАТ** پی‌غلط 1. гумроҳӣ, ба роҳи хато афтодан. 2. фиреб, макр, найранг; **пайғалат задан** фиреб додан, гапғалат задан.

**ПАЙҒАМБАР** پیغمبر фиристодаи Худо, ки амри ӯро ба бандагонаш мерасонад, расул, набӣ; паёмбар.

**ПАЙҒАМБАРЗОДА** پیغمبرزاده аз насл ва зоти пайғамбар.

**ПАЙҒАМБАРӢ** پیغمبری амали пайғамбар; рисолат, нубувват, паёмбарӣ.

**ПАЙҒАМБАРОНА** پیغمبرانه 1. мисли пайғамбар, пайғамбарвор. 2. *мансуб ба* **пайғамбар**; **суханони пайғамбарона** суханони муайянкунандаи пешомадҳо, пешгӯиҳои дуруст дар бораи оянда.

**ПАЙҒОЛА** پیغاله *кит.* пиёлаи шароб, қадаҳи май.

**ПАЙҒОМ** پیغام 1. хабари хуш, мужда, башорат; хабар; паём. 2. салом; мактуб; **пайғом бурдан (фиристодан)** хабар расонидан, башорат бурдан; **пайғом додан** хабар расонидан, башорат додан; **пайғом омадан** хабар расидан.

**ПАЙҒОМБАР** پیغامبر 1. пайғомбаранда, хабарбаранда, паёмбар. 2. *ниг.* **пайғамбар.**

**ПАЙҒОМБАРӢ** پیغامبری 1. амали пайғомбар, номарасонӣ. 2. пайғамбарӣ; паёмбарӣ, рисолат.

**ПАЙҒОМГУЗОР** پیغامگزار *кит.* он ки пайғомро мерасонад, фиристода, расул, номарасон.

**ПАЙҒОМГУЗОРӢ** پیغامگزاری амал ва кори пайғомгузор, номарасонӣ, паёмрасонӣ, расулӣ.

**ПАЙҒОМДЕҲ** پیغامده *ниг.* **пайғомрасон**.

**ПАЙҒОМОВАР** پیغام‌آور паёмовар, хабаррасон, номарасон, расул.

**ПАЙҒОМРАСОН** پیغامرسان расонандаи пайғом, хабароваранда; хабардиҳанда, пайғомдеҳ.

**ПАЙҒОМРАСОНӢ** پیغامرسانی пайғом овардан, хабар расондан, дарак додан аз чизе.

**ПАЙҒОРА** پیغاره *кит.* сарзаниш, байғора; **пайғора задан** сарзаниш кардан.

**ПАЙҒУ** پیغو 1. *кит.* номи парандаи шикорӣ аз ҷинси боша. 2. номи мулке дар Ҳиндустон; подшоҳи ин сарзамин. 3. яке аз намудҳои хати ҳиндӣ.

**ПАЙҒУНАЖОД** پیغونژاد *кит.* аз насли подшоҳони Пайғу, ки подшоҳи мулк ва номи сулолаи подшоҳӣ дар ин сарзамини Ҳинд.

**ПАЙҒӮЛА** پیغوله *кит., ниг.* **байғӯла**; ◊ **(ин) пайғӯлаи танг** дунё; **аз пайғӯлаи фақр рахт кашидан** вафот ёфтан, мурдан.

**ПАЙҒӮЛАНИШИН** پیغوله‌نشین *ниг.* **байғӯланишин**.

**ПАЙДАРПАЙ** پی‌درپی пайи ҳам, паси ҳам; муттасил, давомнок; **боронҳои пайдарпай**.

**ПАЙДАРПАЙӢ** پی‌درپئی аз пайи ҳам будан, паси ҳам будан, муттасилӣ, давомнокӣ: *риёз.* **пайдарпайии ададӣ**, **пайдарпайии беохир**, **пайдарпайии камшаванда**.

**ПАЙДАРҲАМ** پی‌درهم *ниг.* **пайдарпай**.

**ПАЙДАРҲАМӢ** پی‌درهمی *ниг.* **пайдарпайӣ**.

**ПАЙДО** پیدا 1. ошкор, ҳувайдо, возеҳ; *муқоб.* **пӯшида**, **ниҳон**. 2. зоҳир, намудор, намоён. 3. мавҷуд, вуҷуддошта; **пайдо гардидан (шудан)** а) намудор шудан, намоён гадидан; б) ба вуҷуд омадан, зоҳир шудан; **пайдо кардан** а) ёфтан; б) муҳайё намудан, омода кардан; в) зоҳир кадан; **вусъат пайдо кардан** васеъ шудан, паҳн шудан; **меҳр пайдо кардан** дил бастан.

**ПАЙДОВАР** پیداور мавҷуд, вуҷуддошта.

**ПАЙДОИШ** پیدایش пайдо шудан, ба вуҷуд омадан, зоҳир шудан.

**ПАЙДОШАВАНДА** پیداشونده он чизе, ки пайдо хоҳад шуд, бавуҷудоянда.

**ПАЙДОШАВӢ** پیداشوی *ниг.* **пайдоиш**.

**ПАЙЗАДА** پیزده пояш бурида (*бемории аспу хар*).

**ПАЙК** پیک 1. *кит.* қосид, хабаррасон, номарасон, он ки хабарбару хабарбиёр аст. 2. хабар, паём; ◊ **пайки аҷал** марг.

**ПАЙКАНДА** پیکنده *тахқ.* гумшуда, бедаракшуда; гумроҳ.

**ПАЙКАР** پیکر 1. тан, бадан, ҷасад. 2. ҳайкал, муҷассама. 3. *кит., маҷ.* мӯҳра, донаи шатранҷ.

**ПАЙКАРА** پیکره *ниг.* **пайкар** 2 .

**ПАЙКАРАСОЗ** پیکره‌ساز *ниг.* **пайкартарош**.

**ПАЙКАРАСОЗӢ** پیکره‌سازی *ниг.* **пайкартарошӣ**.

**ПАЙКАРБУЗУРГ** پیکربزرگ 1. бузургҷусса, қавиҳайкал. 2. паҳлавон, баҳодур.

**ПАЙКАРДА** پی‌کرده пайдошта; асар, осор, нақш, нишона.

**ПАЙКАРНИГОР** پیکرنگار он ки муҷассама ва тасвирҳои пайкаронро мекашад, наққош, суратгар.

**ПАЙКАРОРО(Й)** پیکرآرا//پیکرآرای 1. он чи боиси ороиши намуди зоҳирӣ ва берунии касе ё чизе шавад. 2. *маҷ.* зебо, ороста.

**ПАЙКАРОРОӢ** پیکرآرائی зебосозӣ, зебо кардан, ороишгарӣ, зебу зиннат додан, оростани намуди берунӣ.

**ПАЙКАРСОЗ** پیکرساز ҳайкалтарош, муҷассамасоз.

**ПАЙКАРСОЗӢ** پیکرسازی ҳайкалтарошӣ, муҷассамасозӣ.

**ПАЙКАРТАРОШ** پیکرتراش муҷассамасоз, ҳайкалтарош.

**ПАЙКАРТАРОШӢ** پیکرتراشی муҷассамасозӣ, ҳайкалтарошӣ.

**ПАЙКОВӢ** پی‌کاوی пай кофтан, из ва асари чизеро ҷустан, пайҷӯӣ.

**ПАЙКОЛ** پیکال *лаҳҷ.* қитъаи замин, замини корам.

**ПАЙКОН** پیکان 1. нӯги тези найза ва тир, синон. 2. найза, тир. 3. *маҷ.* мижгони маҳбуба.

**ПАЙКОНА** پیکانه нӯги пайкон, қисмати тези пайкон.

**ПАЙКОНАСУМ** پیکانه‌سم ҳайвоне, ки сумаш монанди пайкон тез бошад.

**ПАЙКОНГАР** پیکانگر *кит.* тирсоз, хадангсоз.

**ПАЙКОНЗАН** پیکان‌زن *кит.* тирзан, тирандоз.

**ПАЙКОНӢ** پیکانی 1. *кит., мансуб ба* **пайкон**. 2. яке аз хусусиятҳои сангҳои қиматбаҳои лаъл ва фирӯза.

**ПАЙКОННИШОН** پیکان‌نشان *кит.* тире, ки ба он пайкон шинонда шудааст.

**ПАЙКОНСОЗ** پیکانساز *ниг.* **пайконгар**.

**ПАЙКОНХӮРДА** پیکان‌خورده *кит.* тирхӯрда, касе, ки ба вай тир расидааст.

**ПАЙКОР** پیکار *кит.* ҷанг, ҳарб, муҳориба мубориза; **пайкор кардан** а) мубориза намудан, ҷангидан; б) *маҷ.* баҳсу мунозира кардан; **ба пайкор шудан** ба мубориза даромадан, ҷанг сар кардан.

**ПАЙКОРГАР** پیکارگر *ниг.* **пайкорҷӯӣ** 2.

**ПАЙКОРГАҲ** پیکارگه *ниг.* **пайкоргоҳ**.

**ПАЙКОРГОҲ** پیکارگاه майдони ҷанг, майдони ҳарб, ҷанггоҳ.

**ПАЙКОРПАРАСТ** پیکارپرست ҷангҷӯ, ҷангталаб, ҳарбҷӯӣ, пархошҷӯӣ.

**ПАЙКОРСОЗ** پیکارساز ҷангҷӯй, пархошталаб, ҷангсоз.

**ПАЙКОРҶӮ(Й)** پیکارجو(ی) 1. ҷангхоҳ, ҷангҷӯ. 2. ҷанговар, мубориз.

**ПАЙМО** پیما 1. паймоянда, тайи масофакунанда. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* паймудан, тай кардан: **баҳрпаймо**, **ҳавопаймо**.

**ПАЙМОИШ** پیمایش 1. паймудан, масофа тай кардан. 2. андоза гирифтан, чен кардан.

**ПАЙМОН** پیمان 1. аҳд, шарт, қавлу қарор. 2. қарордод, шартнома, муоҳида; **аҳду паймон** қавлу қарор, шарту аҳд; **паймон бастан** а) аҳд кардан, қавл додан; б) муоҳида намудан, шартнома бастан; **паймон вайрон кардан** *ниг.* **паймон шикастан**; **паймон кардан** *ниг.* **паймон бастан**; **паймон шикастан** аз аҳд рӯй тофтан, аз қавли худ гаштан; **ба паймон вафо намудан** паймон иҷро кардан, ба қавлу аҳди худ содиқ будан. 3. *с.* муоҳида; санади ҳуқуқии байналмилалӣ; **паймони оташбас имзо намудан** сулҳ бастан, оштӣ намудан.

**ПАЙМОНА** پیمانه 1. зарфи шаробхӯрӣ, қадаҳ, пиёлаи майнӯшӣ. 2. шароб, май. 3. зарфи

андозагирии ҷисмҳои моеъ ва ғалла; **пур шудани паймонаи** *чизе маҷ.* ба ниҳояти худ расидани чизе.

**ПАЙМОНАГУСОР** پیمانه‌گسار *кит.* паймонакаш, шаробхӯр; шаробдӯст.

**ПАЙМОНАКАШ** پیمانه‌کش *ниг.* **паймонагусор**.

**ПАЙМОНАКАШӢ** پیمانه‌کشی паймонагусорӣ, шаробхӯрӣ, майкашӣ, қадаҳрезӣ.

**ПАЙМОНАНӮШ** پیمانه‌نوش *маҷ.* паймонакаш, қадаҳкаш.

**ПАЙМОНАШИКАН** پیمانه‌شکن 1. он ки зарфи шаробро мешиканад, қадаҳшикан. 2. *маҷ.* он ки муқобили шаробнӯшист.

**ПАЙМОНГУСИЛ** پیمان‌گسل *ниг.* **паймоншикан**.

**ПАЙМОНДЕҲ** پیمانده он ки қавл медиҳад; аҳдкунанда, қавлдиҳанда.

**ПАЙМОНДОР** پیماندار он ки ба қавли додааш вафо мекунад; бовафо.

**ПАЙМОНДОРӢ** پیمانداری ба аҳди худ устувор будан; вафодорӣ, садоқатмандӣ.

**ПАЙМОНӢ** پیمانی *марбут ба* **паймон**; қарордодӣ, шартномавӣ: **кори паймонӣ**, **корманди паймонӣ**.

**ПАЙМОНКОР** پیمانکار он ки дар асоси шартнома ё қарордод кор мекунад.

**ПАЙМОНКОРӢ** پیمانکاری кор кардан бо шартнома ё қарордод.

**ПАЙМОННОМА** پیمان‌نامه 1. ӯҳдадории хаттӣ. 2. қарордод; муоҳида, шартнома.

**ПАЙМОНШИКАН** پیمان‌شکن аҳдшикан, сартобанда аз қавлу қарор.

**ПАЙМОНШИКАНӢ** پیمان‌شکنی вафо накардан ба аҳду қарори худ; аҳдшиканӣ.

**ПАЙМОНШИКАНОНА** پیمان‌شکنانه аҳдшиканона, ба аҳду паймон вафо накарда, аз рӯи бадқавлӣ.

**ПАЙМУДАН** پیمودن 1. тай кардан (*роҳ, масофаро*). 2. андоза гирифтан, чен кардан, газ кардан. 3. *кит.* озмудан, санҷидан. 4. *кит.* ҷустуҷӯ кардан, кофтуков намудан.

**ПАЙПОРА** پیپاره *кит.* пораи пай, қисме аз раг.

**ПАЙРАВ** I پیرو 1. аз қафои ё бо изи пои касе раванда, думрав, думравон. 2. он ки дар шеър, дар масъалаҳои мафкуравӣ ё динӣ аз паси касе меравад ва ба ӯ тақлид мекунад; тарафдор.

**ПАЙРАВ** II پیرو *збш.* :**аъзои пайрав** нисбат ба сараъзои ҷумла (*дар ҷумлаи сода*); **ҷумлаи пайрав** нисбат ба сарҷумла (*дар ҷумлаи мураккаби тобеъ*).

**ПАЙРАВИКУНАНДА** پیروی‌کننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **пайравӣ кардан**. 2. аз пай раванда, тақлидкунанда; давомдиҳанда.

**ПАЙРАВӢ** پیروی аз пай рафтан; тақлид кардан, тақлид; **пайравӣ кардан** аз паи касе, чизе рафтан; ба касе, чизе тақлид кардан; кор ё фикри касеро давом додан.

**ПАЙРАВОНА** پیروانه ба касе пайравӣ кардан, аз паи касе, чизе рафтан.

**ПАЙРАҲА** پیراهه роҳи хурди борики одамгузар ва маркабгузар; **пайраҳаи морпеч** роҳи хурди каҷу килеб.

**ПАЙРЕЗӢ** پی‌ریزی асос гузоштан, пай афкандан; **пайрезӣ кардан** асос гузоштан, бунёд гузоштан.

**ПАЙРОҲА** پیراهه *ниг.* **пайраҳа**.

**ПАЙСА** پیسه 1. пули майда (-и баъзе кишварҳои Шарқ). 2. *таър.* тангаи мисин, ки дар Аморати Бухоро ба 16 пули сиёҳ баробар буд; **як пайса наистодан** ҳеҷ қимат надоштан, як тангаи сиёҳ ҳам арзиш надоштан; ниҳоят беаҳамият будан.

**ПАЙСАФЕД** پی‌سفید *киноя аз* бетолеъ, бадбахт; шум, номуборак.

**ПАЙСИПАР** پی‌سپر *ниг.* **пайсипор**.

**ПАЙСИПАРӢ** پی‌سپری *ниг.* **пайсипорӣ**.

**ПАЙСИПОР** پی‌سپار 1. раванда, раҳсипор, қадамзананда; мусофир. 2. *кит.* кӯб, лагадкӯб, поймол; **пайсипор шудан** раҳсипор шудан, ба роҳ баромадани касе.

**ПАЙСИПОРӢ** پی‌سپاری *кит.* 1. роҳпаймоӣ, равандагӣ, гашту гузор; **пайсипорӣ кардан** роҳ тай кардан, роҳ паймудан, гашту гузор кардан. 2. лагадкӯбӣ, поймол кардан, зери по кардан.

**ПАЙСУДА** پی‌سوده поймол, лагадкӯб.

**ПАЙСУКУН** پی‌سکون хушпою қадам, некқадам.

**ПАЙТ** پیت 1. фурсати муносиб, вақти мувофиқ барои иҷрои коре ё гуфтани сухане; **пайт аз даст додан** фурсати муносибро аз даст додан; **пайт**(*-и чизеро*) **ёфтан (гирифтан)** фурсати муносибро ёфтан; вақти мувофиқ ёфтан; **пайт поидан (кофтан, ҷустан)** вақти муносибро мунтазир шудан, фурсати мувофиқ кофтан. 2. даври анҷом ёфтани ягон навъи бозӣ, рақс, мусиқӣ, сурудхонӣ ё базм; навбати иҷро шудани чизе.

**ПАЙТЕША** پی‌تیشه тешаи калони дастадароз, ки бо вай рост истода чӯбро чортарош мекунанд.

**ПАЙТОБА** پی‌تابه матое, ки пеш аз пӯшидани мӯза ва масҳӣ ба пой мепечонанд; пойпеч; **пайтоба кушодан** *киноя аз* муқим шудан, аз сафар бозмондан; ◊ **патаку пайтоба шудан** а) саросема ба коре машғул шудан; б) гирди касе чарх задан (*барои хизмати вай*); в) қадру қимати худро гум кардани касе ё чизе.

**ПАЙӮ** پیو бемории ришта.

**ПАЙФАРОХ** پی‌فراخ васеъқадам, он ки қадамҳои калон дорад, фарохқадам.

**ПАЙФАРОХӢ** پی‌فراخی васеъқадамӣ, калонқадамӣ.

**ПАЙХАС** پیخس **:пайхас бурдан (кардан, намудан, рафтан)** ҳис кардан, пай бурдан.

**ПАЙХАСТ** پیخست 1. девори тагаш кофташуда. 2. замини дар зери пой кӯфта ва нармшуда, лагадмолшуда. 3. *кит.* лагадкӯб, лагадмол, пайсипар.

**ПАЙХАСТА** پیخسته *кит.* 1. таги по шуда, таги по монда, поймолшуда, лагадмол. 2. дармонда, бечора, кори залил.

**ПАЙХАСТАН** پیخستن 1. поймол кардан, ба лагад кӯфтан, лагадмол кардан. 2. оҷиз гардонидан, дармонда кардан.

**ПАЙХОЛ** I پیخال *гуфт.* банд ё дарзаҳои алаф ё гандум, ки барои галагов (кӯфтан) паҳн карда мешавад.

**ПАЙХОЛ** II پیخال *кит.* саргини парандагон.

**ПАЙХУҶАСТА** پی‌خجسته *ниг.* **хуҷастапай**.

**ПАЙЧИН** پی‌چین *ниг.* **пайдор**.

**ПАЙШИНОС** پی‌شناس 1. он ки изи пойро мешиносад. 2. он ки бо изи пой касе ё ҷоеро меёбад, ҷустуҷӯкунандаи асар (*нишона, аломат, саргузашт*)-и касе, чизе.

**ПАЙШИНОСӢ** پی‌شناسی 1. изшиносӣ, машғул будан ба омӯзиши изҳо. 2. илм дар бораи изшиносӣ, трассология.

**ПАК** I پک *кит.* қурбоққа, ғук.

**ПАК** II پک **:лаку пак** а) чизҳои кӯҳнаю истеъмол; б) суханҳои беҳудаю бемантиқ; в) рафтуомад ва такопӯй.

**ПАКАНА** پکنه кӯтоҳқад, одами пастқад, одами ғафсбадани кӯтоҳқад, қадпаст, калта.

**ПАКАНД** پکند *кит.* нон (*аз забони хоразмӣ*).

**ПАКАНӢ** پکنی *кит.* навъе аз шароб, бодае, ки аз биринҷ, арзан ва ҷав месозанд.

**ПАКАР** پکر *гуфт.* 1. ғамгин, малӯл, хастадил. 2. гаранг, ҳайрон; **пакар шудан** а) ғамгин шудан; б) гаранг шудан.

**ПАКАРӢ** پکری пакар будан, беҳолӣ, сустӣ, бемадорӣ.

**ПАЛ** I پل қитъаи замини кишт, ки барои обёрӣ атрофи онро қадре баланд мебардоранд; **пал кашидан (гирифтан)** дар замини кишт пал кашидан; **пали сабзӣ**, **пали пиёз**.

**ПАЛ** II پل пошнаи пой.

**ПАЛ(Л)А** پله *кит.* 1. нимаи баробари ягон чиз, (*мас.*, чормағз, хӯрҷин, *ва г.*) : **ҳиссаи баробар**. 2. каффаи тарозу, лаълии тарозу; **паллаи тарозу** каффа ё лаълии тарозу; **ба паллаи тарозу нигоҳ кардан** а) *маҷ.* хотирбинӣ кардан; б) кадом тараф вазн (эътибор) дошта бошад, ба ҳамон тараф майл кардан; *касеро* **бо** *касе* **ба паллаи тарозу нагузоштан** касеро ба касе баробар накардан; **паллаи тухму дон** *бот.* тухмпалла; **паллаи чашм** *биол.* чуқурии чашм, косаи чашм. 3. пояи нардбон. 4. *маҷ.* дараҷа, мартаба.

**ПАЛАВ** پلو таоме, ки аз биринҷ, равған, сабзӣ ва гушт пухта мешавад: **оши палав**; **палави оринҷшор** оши палави серравған; **палави дастӣ** палави хоси ягон шахси пазанда ва дар пазандагӣ моҳир.

**ПАЛАВКАДУ** پلوکدو як навъи кадуи дароз, ки вақти пухта расиданаш зард мешавад; кадуи ғизоӣ.

**ПАЛАВПАЗ** پلوپز он ки палав мепазад, ошпаз.

**ПАЛАВПАЗӢ** پلوپزی *исми амал аз* **палав пухтан**; палав тайёр кардан.

**ПАЛАВХӮР** پلوخور 1. он ки палав мехӯрад. 2. дӯстдори палав.

**ПАЛАҒДА** پلغده 1. тухми вайроншудаи мурғ. 2. *маҷ.* вайрон, беҷо; **майнаи** *касеро* **палағда кардан** майнаи касеро вайрон (гиҷ) кардан.

**ПАЛАК** پلک растаниҳои полизӣ, ки тана ва барги онҳо ба замин паҳн шуда мехобад (*бодиринг, каду, тарбуз, харбуза*).

**ПАЛАКБОН** پلکبان он ки замини палаки тарбузу харбузаро бонӣ мекунад.

**ПАЛАКЗОР** پلکزار майдони палак, ҷои кишти харбузаву тарбуз *ва г.*

**ПАЛАКӢ** پلکی *мансуб ба* **палак**; **кишти палакӣ**.

**ПАЛАКМУРДА** پلکمرده 1. харбуза, тарбуз ва *мисли инҳо*, ки пеш аз пухта расидан палакаш хушк шуда хом мондааст. 2. *маҷ.* одами доимо бемори заиф.

**ПАЛАҚ-ПАЛАҚ** پلقپلق садо ва овозе, ки бар асари ҷӯшидани моеи ғализ ё афтодани ягон чиз ба об ҳосил мешавад.

**ПАЛАНГ** پلنگ ҳайвони бузурги ширхори даранда аз ҷинси гурба, ки пӯсташ холдор аст; **соли паланг** соли сеюми солшумории дувоздаҳгона.

**ПАЛАНГАФКАН** پلنگافکن *киноя аз* паҳлавон; нотарс, далер.

**ПАЛАНГВОР** پلنگوار 1. мисли паланг; чун паланг, монанди паланг. 2. *маҷ.* нотарсона, ҷасурона, чобукона.

**ПАЛАНГИНА** پلنگینه аз пӯсти паланг дӯхташуда, пӯстипалангӣ.

**ПАЛАНГИНАПӮШ** پلنگینه‌پوش он ки либоси аз пӯсти паланг дӯхташуда пӯшида аст: **паҳлавони палангинапӯш**.

**ПАЛАНГМУШК** پلنگمشک гиёҳе, ки гулаш ба нуқтаҳои хол-холи паланг ва бӯйаш ба бӯи мушк монанд аст.

**ПАЛАТА** I *лот.* پلته утоқи алоҳида дар беморхона ё муассисаи муолиҷавӣ, ҳуҷраи беморхона.

**ПАЛАТА** II *лот.* پلته 1. номи созмони олии қонунбарор. 2. номи созмонҳои ваколатдор дар баъзе мамлакатҳо. 3. номи баъзе идораҳои давлатӣ: **палатаи китоб**, **палатаи савдо**, **палатаи болоӣ**, **палатаи поёнӣ**.

**ПАЛАХ** پلخ *кит.* ҳалқ, гулӯ.

**ПАЛБАНДӢ** پلبندی ба палҳо ҷудо кардан, палбандии замин.

**ПАЛЕО** *ю.* پلیا *ҷузъи пешини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* хеле қадим, то давраи таърихӣ; **палеография** илми тадқиқи хатҳои қадима; **палеолит** аввали асри санг.

**ПАЛЕОЗОЙ** *ю.* پلی‌آزای *геол.* яке аз давраҳои қадимтарини геологӣ дар таърихи Замин: **давраи палеозой**.

**ПАЛЕОЛИТ** *ю.* پلی‌آلیت *таър.* марҳилаи аввали давраи санг.

**ПАЛЕОНТОЛОГ** *ю.* پلی‌آنتالاگ мутахассиси илми палеонтология.

**ПАЛЕОНТОЛОГИЯ** *ю.* پلی‌آنتالاگیه илмест дар бораи таҳқиқи ҳайвонот ва набототи аз зери замин ёфтшуда, илми таҳқиқ ва пажӯҳиши ҷонварон ва гиёҳҳои қадима.

**ПАЛИД** پلید 1. мурдор, наҷис, олудаи чиркиниҳо, ҳаром. 2. *маҷ.* бадкор, нобакор, шарир; малъун.

**ПАЛИДӢ** پلیدی 1. нопокӣ, мурдорӣ, чиркинӣ, ифлосӣ. 2. *маҷ.* бадкорӣ, бадкирдорӣ, хабисӣ.

**ПАЛИДКОР** پلیدکار *ниг.* **палид**.

**ПАЛЛАБАРДОР** پله‌بردار *кҳн.* он ки паллаи пурбори тарозуро ба шона меовезад, баркашанда.

**ПАЛЛАДИЙ** *лот.* پلدیی *хим.* филизи нарми нуқрамонанд, ки аз кони платина ба даст меояд ва дар техника ба кор меравад.

**ПАЛЛАК** پلک пилк; **паллаки чашм** пилки чашм.

**ПАЛМ** پلم 1. *кит.* хок; хоки нарм. 2. *гуфт.* саргин: **палми хар**.

**ПАЛМИДАН** پلمیدن *ниг.* **палмосидан**.

**ПАЛМОС** پلماس бо даст дошта дидан, дастдаст кардан; ламс кардан; **палмос кардан** даст-даст кардан.

**ПАЛМОСИДАН** پلماسیدن 1. даст-даст кардан, бо панҷаҳои даст дошта дидан; **палмосида муайян кардан** даст-даст зада муайян кардан. 2. *ниг.* **пармосидан** 2; 3.

**ПАЛМУДАН** پلمودن *ниг.* **палмосидан**.

**ПАЛОЛАК** پلالک *ниг.* **палорак**.

**ПАЛОЛАКТЕҒ** پلالکتیغ *кит.* теғе, ки аз пӯлоди ҷавҳардор сохта шудааст.

**ПАЛОНҶ** پلانج занҳои як шавҳар, банонҷ (*нисбат ба якдигар*).

**ПАЛОРАК** پلارک *кит.* 1. шамшер, теғи ҷавҳардор. 2. ҷавҳари шамшер.

**ПАЛОРАКХӮР** پلارکخور *кит.* нобудкунандаи ҷавҳари теғ ва шамшер.

**ПАЛОС** پلاس гилем, намад, шол; **палос партофтан (паҳн кардан)** гилем андохтан.

**ПАЛОСИН** پلاسین *ниг.* **палосӣ**.

**ПАЛОСӢ** پلاسی *мансуб ба* **палос**.

**ПАЛОСПӮШ** پلاسپوش он ки либоси пашмин мепӯшад, пашминапӯш.

**ПАЛПОЯ** پلپایه замини кишти шолӣ, замини шоликорӣ.

**ПАЛТАР** پلتر *кӯҳн.* аспи савории сафарӣ, ки асбоби сафарро ба он бор мекарданд.

**ПАЛТАРХӮРҶИН** پلترخورجی хӯрҷини аспи палтар, хӯрҷине, ки ба аспи палтар бор карда мешавад.

**ПАЛТО** *фр.* پلتا либоси гарми дарози болопӯш; **палтои гарм**, **палтои зимистонӣ**.

**ПАЛТОВОРӢ** پلتاواری 1. матоъ барои палто дӯхтан. 2. матоъ ба андозаи як палто.

**ПАЛЧА** پلچه ҷӯяк, қатор, девора(-и гирди чизе).

**ПАНАҲ** پنه 1. *ниг.* **паноҳ**. 2. аз назар пинҳон; бехавфу хатар, дур аз назари бегона; **панаҳ кардан (сохтан)** а) пӯшондан *чизеро;* б) пардапӯш кардан кореро; **панаҳ кардан рӯйро** рӯй пӯшондан, ба рӯй ҳиҷоб гирифтан; **панаҳ шудан** руст шудан, пинҳон гаштан.

**ПАНАҲКОР** پنه‌کار *ниг.* **пинҳонкор**.

**ПАНАҲКОРӢ** پنه‌کاری *исми амал аз* **панаҳ кор кардан**; кореро дар пинҳонӣ анҷом додан; пинҳонкорӣ.

**ПАНБА** پنبه *ниг.* **пахта**.

**ПАНБАДОНА** پنبه‌دانه *ниг.* **пунбадона**.

**ПАНБАЗАН** پنبه‌زن *ниг.* **пахтазан**.

**ПАНБАЗАНӢ** پنبه‌زنی *ниг.* **пахтазанӣ**.

**ПАНБАЗОР** پنبه‌زار *ниг.* **пахтазор**.

**ПАНБАКОР** پنبه‌کار *ниг.* **пахтакор**.

**ПАНБАКОРӢ** پنبه‌کاری *ниг.* **пахтакорӣ**.

**ПАНБАФУРӮШ** پنبه‌فروش *ниг.* **пахтафурӯш**.

**ПАНД I** پند 1. насиҳат, андарз, маслиҳат барои кардани кори нек ё боздоштан аз амали бад. 2. таълимот, омӯзиш; **панд гирифтан** а) насиҳат шунидан; маслиҳат шунидан; б) ибрат гирифтан; **панд гуфтан (додан)** насиҳат кардан; **панд шунидан** насиҳат гӯш кардан.

**ПАНД II** پند *кит.* калхот, ғалевоҷ, заған, чӯҷабарак, чӯҷарабо.

**ПАНДГӮӢ** پندگوئی панд гуфтан, насиҳат кардан, насиҳатгӯӣ, андарзгӯӣ.

**ПАНДГӮ(Й)** پندگو(ی) он ки панд мегӯяд, насиҳатгӯй, носеҳ, андарзгӯй.

**ПАНДДИҲАНДА** پنددهنده он ки панд медиҳад; насиҳаткунанда, пандгӯй, пандомӯз.

**ПАНДДИҲӢ** پنددهی *исми амал аз* **панд додан**; насиҳатдиҳӣ, андарздиҳӣ.

**ПАНДӢ** پندی *кит.* марбут ба панд, ровии панд, панддор, дорои панд.

**ПАНДМАНД** پندمند *кит.*, *ниг.* **пандомез**.

**ПАНДНОМА** پندنامه китоби панду насиҳат, насиҳатнома, андарзнома.

**ПАНДНОПАЗИР** پند ناپذیر он ки ба панду насиҳат гӯш намедиҳад, насиҳатношунав.

**ПАНДОМ** پندام *кит.* варам, омос.

**ПАНДОМЕЗ** پندآمیز дорои панд; насиҳатомез, андарзомез.

**ПАНДОМЕЗОНА** پندآمیزانه (*суханони*) бо панду насиҳат, насиҳатомезона, пандомез.

**ПАНДОМӮЗ** پندآموز он ки панд медиҳад, панддиҳанда, андарзомез.

**ПАНДОМӮЗӢ** پندآموزی панд омӯхтан, насиҳат гуфтан, андарзомӯзӣ.

**ПАНДПАЗИР** پندپذیر он ки насиҳатро мепазирад, пандгиранда, пандшунав.

**ПАНДТӮЗ** پندتوز *кит.* пандомӯз, пандшунав.

**ПАНДШУНАВ** پندشنو *ниг.* **пандпазир**.

**ПАНИР** پنیر хӯрише аз шири баста, ки бештар аз шири гӯсфанд тайёр мекунанд.

**ПАНИРАК** پنیرک *кит.* 1. гиёҳи алафӣ, худруй, бо баргҳои куркбастаи дароз, вартоҷ. 2. гул ё меваи ин гиёҳ, ки хушкондани он хусусияти дармонӣ ва табобатӣ дорад.

**ПАНИРӢ** پنیری *мансуб ба* **панир**; аз панир тайёр шуда.

**ПАНИРМОЯ** پنیرمایه мояе, ки барои баста шудани шир ба кор мебаранд ва онро аз ширдони гӯсфанд мегиранд.

**ПАНИРОБ** پنیرآب оби панир, ки баъд аз тайёр шуданаш боқӣ мемонад; зардоб.

**ПАНИРПАЗ** پنیرپز он ки панир тайёр мекунад.

**ПАНИРПАЗӢ** پنیرپزی амали панирпаз, панир пухтан.

**ПАНОМ** پنام 1. таъвиз, тӯмор, ки аз рӯи хурофот барои дафъи чашми бад бо худ гирифта мегарданд: **чашмпаном**. 2. рӯпӯш ё порчае, ки зардуштиён дар вақти хондани «Занд», «Позанд» ва «Авасто» ба рӯи худ мекашиданд. 3. *маҷ.* пӯшида, пинҳон.

**ПАНОҲ** پناه 1. ҳифз; ҳимоят, муҳофизат; пуштибонӣ. 2. ҳимоятгар, ҳомӣ, нигаҳбон, муҳофиз. 3. пинҳон, пӯшида. 4. паноҳгоҳ, маҳалли пинҳон шудан аз чизе ё касе; ҷои амн; **пушту паноҳ** нигаҳбон, ҳимоятгар, ҳомӣ; **паноҳ ёфтан** а) паноҳгоҳ ёфтан; б) пуштибон ёфтан, ҳимоятгар ёфтан; **паноҳ бурдан** *ниг.* **паноҳ ҷустан**; **паноҳ доштан**, **паноҳ кардан (гирифтан)** пинҳон кардан, руст кардан; **паноҳ овардан ба** *касе* дар ҳимояти касе шудан, худро ба паноҳандагии кас (ҷое) бурдан; **паноҳ шудан** руст шудан, пинҳон гаштан, худро ба паси чизе гирифтан; **паноҳ ҷустан (хостан)** ҳимоят хостан, паноҳ талабидан; **ба паноҳи** *касе* **омадан** ба ҳимояи касе даромадан; **пушту паноҳ шудан ба** касе нигаҳбон ва ҳимоятгари касе гаштан; **Худо паноҳ диҳад** Худо нигаҳ дорад.

**ПАНОҲАНДА** پناهنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **паноҳидан**. 2. он ки ба ҷое паноҳ бурдааст, он ки дар ҳимояи касе даромадааст; паноҳбурда, гуреза, муҳоҷир; паноҳгиранда.

**ПАНОҲАНДАГӢ** پناهندگی ҳолат ва амали паноҳанда; паноҳ бурдан ба касе ё ҷое; **нигоҳи паноҳандагӣ**.

**ПАНОҲБАР** پناه‌بر *ниг.* **паноҳанда**.

**ПАНОҲГИРАНДА** پناه‌گیرنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **паноҳ гирифтан**; он ки аз чизе ё касе худро паноҳ медорад.

**ПАНОҲГОҲ** پناه‌گاه 1. ҷои паноҳ шудан, ҷое, ки барои ҳифзи ҷони худ ба он ҷо паноҳ мебаранд, ҷои амн. 2. ҷои махсус барои кӯчонидани мардум ҳангоми сар задани фалокат (*мас., сӯхтор, зилзила ва г.*). 3. *с.* ҷой барои зисти муваққатии ашхоси кишвари дигар, ки дар кишвари худ таъқиб шудаанд: **паноҳгоҳи сиёсӣ**; **паноҳгоҳи сиёсӣ додан** дар паноҳи худ гирифтан.

**ПАНОҲДИҲАНДА** پناه‌دهنده 1. он ки барои паноҳ шудан ҷой медиҳад. 2. ҳомӣ, ҳимоятгар.

**ПАНОҲДИҲӢ** پناه‌دهی 1. паноҳ додан, ба паноҳ гирифтан; **ҳуқуқи паноҳдиҳӣ**. 2. ҳимоя кардан; муҳофиз шудан.

**ПАНОҲИДАН** پناهیدن паноҳ бурдан, ҳимоя ҷустан; паноҳ пурсидан.

**ПАНОҲӢ** پناهی 1. ҷои паноҳ; ҷои амн. 2. пинҳонӣ, махфӣ, пӯшида.

**ПАНОҲҶӮ(Й)** پناه‌جو(ی) он ки паноҳ меҷӯяд, ҷӯяндаи ҷои амн ва бехатар.

**ПАНТЕИЗМ** *ю.* پنتییزم *фалс.* таълимоти фалсафӣ, ки Худо ва табиатро як чиз мешуморад ва табиатро зухури илоҳият медонад; ваҳдати вуҷуд.

**ПАНТУРКИЗМ** پنترکیزم туркгароӣ, ҷараёни миллатгароӣ дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX, ки ба бартариҷӯии туркон нисбат ба халқҳои дигар асос ёфтааст.

**ПАНТУРКИСТ** *ю.* پنترکیست туркгаро, тарафдори пантуркизм.

**ПАНТУРКИСТӢ** پنترکیستی *мансуб ба* **пантуркизм**.

**ПАНҶ** پنج 1. *шумораи миқдорӣ* адади 5, ки баъди адади чор меояд; **панҷ аркон** *д.* панҷ рукни мусулмонӣ (*калимаи шаҳодат, намоз, рӯза, ҳаҷ, закот*); **панҷу чор** а) миқдори номуайяни чизе, пуле; даромади номуайяни ночизе; б) *гуфт.* мубоҳиса намудан; **панҷ вақт намоз** *д.* намози бомдод, пешин, аср, шом ва хуфтан; **панҷ панҷа барин донистан (шинохтан)** хеле хуб ва аниқ донистан (шинохтан) касе, ҷоеро; ◊ **панҷ панҷа баробар намешавад** ҳамаи чизҳо як хел нестанд. 2. номи дарё дар ҷанубу шарқи Тоҷикистон, ки баъди ҳамроҳ шудан бо дарёи Вахш дарёи Амуро ташкил медиҳад. 3. баҳои аъло; **панҷ гирифтан** баҳои аъло гирифтан. 4. *гуфт., маҷ.* оличаноб, бениҳоят нағз, олӣ; **корҳо панҷ**!

**ПАНҶА** پنجه 1. панҷ ангушти даст ё пой дар як ҷо. 2. даст; **панҷаи гиро** дасти пурқувват, тавоно ва зӯр; **панҷаи даст** панҷ ангушт. 3. чанг, чангол; **панҷа андохтан** муқобилат кардан, ситеза кардан; зӯрозмоӣ кардан бо касе бо панҷа; **панҷа ба панҷа андохтан** мубориза кардан, дарафтодан бо якдигар; **панҷа задан** *бо* (*ба*) *чизе* мубориза кардан *бо чизе*, даст ба гиребон шудан бо чизе; **панҷаи** *касеро* **тофтан (тоб додан)** мағлуб кардан, шикаст додан *касеро*. 4. маҳалли ба чандин шоха ҷудо шудани дарахт; **панҷа задан** шоха давондан; шохадор шудан. 5. *маҷ.* қайд, банд; зӯру тавоноӣ; **панҷаи судхӯр**; ◊ **панҷаи Алӣ** *бот.* гули бисёрсолае, ки барги дарозрӯя ва гули калони зард, сафед ва арғувонӣ дорад.

**ПАНҶААФКАНӢ** پنجه‌افکنی 1. зӯрозмоӣ, қудратнамоӣ. 2. шохафканӣ, хадфа кардан, сабзиши хуби ниҳолҳо, панҷазании ниҳолҳо.

**ПАНҶАГИР** پنجه‌گیر он ки зӯрозмоӣ мекунад, зӯрозмой.

**ПАНҶАГИРӢ** پنجه‌گیری зӯрозмоӣ кардан, панҷазанӣ кардан, мубориза кардан.

**ПАНҶАДОР** پنجه‌دار 1. чанголдор; тезчангол. 2. шохадор (*оид ба* растаниҳо).

**ПАНҶАЗАН** پنجه‌زن муқобилаткунанда; ситезакор.

**ПАНҶАЗАНӢ** پنجه‌زنی *ниг.* **панҷаафканӣ**.

**ПАНҶАКАШ** پنجه‌کش :**панҷакаш кардан** бо панҷа молида ҳамвор кардан (*мас., лойи рӯи деворро*).

**ПАНҶАРА** پنجره 1. шабакаи чӯбин, оҳанин, гаҷин *ва г.*: **панҷараи боғ**. 2. дарича, тирезаи хона. 3. *маҷ.* ҳабсхона, маҳбас.

**ПАНҶАРАГУЛЧИН** پنجره‌گلچین панҷараи дорои нақши гул, панҷараи гулнақш.

**ПАНҶАРАДЕВОР** پنجره‌دیوار девори иборат аз панҷара, девори шабакадор.

**ПАНҶАРАДОР** پنجره‌دار панҷаранок, шабакадор; **тирезаҳои панҷарадор** тирезаҳое, ки панҷара доранд.

**ПАНҶАРАК** پنجرک шабакаи даруни сандалӣ.

**ПАНҶАРАНИШИН** پنجره‌نشین 1. он ки дар зери панҷара нишастааст. 2. *маҷ.* маҳбус, зиндонӣ.

**ПАНҶАРАОҲАНИН** پنجره‌آهنین дорои панҷара аз оҳан, оҳанинпанҷара (*мас.*, *тиреза*).

**ПАНҶАШАКЛ** پنجه‌شکل он чи, ки шакли панҷаи дастро дорад; **баргҳои панҷашакл.**

**ПАНҶБОЛОР** پنجبالار хонае, ки сақфаш панҷ болор дорад.

**ПАНҶБОЛОРА** پنجبالاره *ниг.* **панҷболор**.

**ПАНҶБОРА** پنجباره панҷум маротиба, панҷкарата; бори панҷум.

**ПАНҶВАҚТА** پنجوقته панҷвақтӣ, панҷнавбата, панҷкарата; **намози панҷвақта** намози бомдод, аср, пешин, шом, хуфтан.

**ПАНҶВАҚТӢ** پنجوقتی *ниг.* **панҷвақта**.

**ПАНҶГОНА** پنجگانه панҷтоӣ; панҷвақта; **намози панҷгона** намози панҷвақта; **ҳавоси панҷгона** (*сомеа, босира, зоиқа, ломиса ва шомма*).

**ПАНҶГОҲ** پنج‌گاه *мус.* яке аз шӯъбаҳои мақоми классикӣ аз силсилаи «Дувоздаҳмақом».

**ПАНҶГӮША** پنج‌گوشه *ниг.* **панҷкунҷа**. 2. он чи панҷ гӯша дорад: **ситораи панҷгӯша**.

**ПАНҶЗАБОНА** پنجزبانه *кит.* навъи чароғ, ки дорои панҷ шӯълаи оташ будааст, луғати панҷзабона фарҳанге, ки вожаҳои панҷ забонро дар бар мегирад.

**ПАНҶЗАРБ** پنج‌ضرب *мус.* садои пасти асбобҳои мусиқӣ, ки ба най мувофиқ меояд.

**ПАНҶӢ** پنجی *ниг.* **панҷтогӣ**.

**ПАНҶКАСА** پنج‌کسه иборат аз панҷ кас, панҷ-

нафара.

**ПАНҶКАСӢ** پنج‌کسی иборат аз панҷ кас, панҷнафарӣ.

**ПАНҶКУНҶА** پنج‌کنجه *риёз.* он чи панҷ кунҷ дорад; панҷгӯша.

**ПАНҶҚИРРА** پنج‌قیره *ниг.* **панҷгӯша**.

**ПАНҶМИСРАЪ** پنج‌مصرع *адш.* шеъре, ки панҷ мисраъ дорад; панҷмисраӣ, мухаммас.

**ПАНҶНӮШ** پنج‌نوش *кит., тиб.* маъҷуне, ки табибон ва пизишкони қадим аз ҷива, мис, оҳан ва пӯлод барои пурқувват кардани бадан дуруст мекарданд.

**ПАНҶОБӢ** پنجابی 1. *мансуб ба* **Панҷоб**: **забони панҷобӣ**. 2. сокини Панҷоб.

**ПАНҶОҲ** پنجاه *шумораи миқдорӣ* нимаи сад.

**ПАНҶОҲСОЛА** پنجاه‌ساله он ки ё он чи панҷоҳ сол умр дорад.

**ПАНҶОҲСОЛАГӢ** پنجاه‌سالگی ба панҷоҳ даромадан, панҷоҳсола будан: **панҷоҳсолагии рӯзи таваллуд**.

**ПАНҶОҲУМ** پنجاهم *шумораи тартибӣ аз адади* **панҷоҳ**.

**ПАНҶОҲУМИН** پنجاهمین *ниг.* **панҷоҳ**.

**ПАНҶПАР(Р)А** پنج‌پره 1. ҳар чизе ки панҷ пар(р)а дорад. 2. панҷгӯша, панҷқирра. 3. *ниг.* **панҷрӯя**.

**ПАНҶПО(Я)** پنج‌پا//پنج‌پایه *кит.*1. харчанг, саратон. 2. *нуҷ.* бурҷи Саратон.

**ПАНҶРАВӢ** پنجروی 1. *гуфт.* бурд дар қартабозӣ. 2. *гуфт., маҷ.* комёбии калон дар коре; **панҷ рафтед**! муваффақ шудед! бурд кардед!.

**ПАНҶРАХА** پنج‌رخه он чи панҷ рах дорад, панҷхата.

**ПАНҶРУКНА** پنج‌رکنه *адш.* шеъре, ки ҳар мисрааш иборат аз панҷ рукн аст.

**ПАНҶРӮЗА** پنجروزه 1. иборат аз муддати панҷ рӯз. 2. *маҷ.* замон ва муддати андак; **мӯҳлати панҷрӯза** панҷ рӯз вақт; **роҳи панҷрӯза** роҳе, ки дар муддати панҷ рӯз тай мешавад; **захираи панҷрӯза** захирае, ки барои панҷ рӯз кифоят мекунад.

**ПАНҶРӮЗӢ** پنجروزی 1. пас аз ҳар панҷ рӯз. 2. *ниг.* **панҷрӯза**.

**ПАНҶРӮЯ** پنج‌رویه *ҳанд.* шакли ҳандасие, ки панҷ рӯ (ҷиҳат, сатҳ) дорад; панҷсатҳа.

**ПАНҶСАД** پنج‌صد *шумораи миқдорӣ* адади 500, панҷ бор сад.

**ПАНҶСАДСОЛА** پنج‌صدساله мӯҳлати панҷсад сол, мӯҳлате, ки панҷсад солро дар бар мегирад.

**ПАНҶСАДСОЛАГӢ** پنج‌صدسالگی панҷсад солро пур кардан; панҷсадсола шудан.

**ПАНҶСАДУМ** پنج‌صدم *шумораи тартибӣ аз адади* **панҷсад**.

**ПАНҶСАДУМИН** پنج‌صدمین *ниг.* **панҷсадум**.

**ПАНҶСАТҲА** پنج سطحه *ниг.* **панҷрӯя**.

**ПАНҶСЕР** پنج سیر *таър.* андозаи вазн, ки ба як пуд (16 кг) баробар аст.

**ПАНҶСИМА** پنج سیمه *ниг.* **панҷтор**.

**ПАНҶСОЛА** پنج ساله 1. мӯҳлати панҷ сол, мӯҳлате, ки панҷ солро дар бар мегирад. 2. нақшаи кори баъзе муассисаҳо, ки барои панҷ сол тасдиқ мешавад; **нақшаи панҷсола**: **панҷсолаи нав.** 3. синнаш ба панҷ расида: **бачаи панҷсола**.

**ПАНҶСОЛАГӢ** پنج‌سالگی панҷсола шудан; ба синни панҷсола расидан; **дар панҷсолагӣ** дар синни панҷсолагӣ.

**ПАНҶТАГӢ** پنج‌تگی *гуфт., ниг.* **панҷто(г)ӣ.**

**ПАНҶТИРА** پنج‌تیره 1. силоҳи оташфишон, ки дар тирдонаш панҷ тир ҷо мешавад. 2. **милтиқи панҷтира**, **камони панҷтира** туфанге, ки дорои панҷ тир аст.

**ПАНҶТО(Г)Ӣ** پنج‌تاگی панҷто-панҷто, панҷӣ, панҷ-панҷ; панҷтогӣ; панҷтоӣ.

**ПАНҶТОННАГӢ** پنج‌تانگی вазнаш иборат аз панҷ тонна; **мошини панҷтоннагӣ** мошинае, ки то панҷ тонна бор мекашонад.

**ПАНҶТОР** پنج‌تار *мус.* навъе аз асбоби мусиқӣ, ки панҷ тор дорад.

**ПАНҶУМ** پنجم *шумораи тартибӣ* аз **панҷ**.

**ПАНҶУМИН** پنجمین *мансуб ба* **панҷум**; панҷумӣ.

**ПАНҶХОНАДОР** پنج خانه دار дорои панҷ хона;

панҷхонагӣ: **бинои панҷхонадор**, **ҳавлии панҷхонадор**.

**ПАНҶҲАЗОРА** پنجهزاره иборат аз панҷ ҳазор; панҷҳазорӣ.

**ПАНҶҲАЗОРӢ** پنجهزاری *таър.* мансабдори лашкар, сардори панҷ ҳазор аскар.

**ПАНҶҲАРБА** پنجحربه *варз.* навъи варзиш, ки аз пойгаи асп, шамшербозӣ, тир парондан аз таппонча, шиноварӣ ва давондан иборат аст.

**ПАНҶШАНБЕ** پنجشنبه номи яке аз рӯзҳои ҳафта, ки баъди чоршанбе ва пеш аз ҷумъа меояд.

**ПАНҶШОХА** پنجشاخه афзори чӯбин ё оҳанини шохадори дастааш чӯбин, ки барои ҷамъ кардан ё парешон сохтани хас, хошок, алаф, коҳ ва монанди инҳо ба кор бурда мешавад.

**ПАНҶЯК** پنجیک 1. як ҳисса аз панҷ ҳиссаи чизе. 2. *таър.* андозе, ки ба тариқи пулӣ ё молӣ дар ҳаҷми 1/5 ҳосил ситонида мешуд.

**ПАНҶЯККОР** پنجیککار *таър.* он ки замини заминдорро барои панҷяки ҳосилаш ба иҷора гирифта кишт мекунад.

**ПАНҶЯККОРӢ** پنجیککاری *таър.* амали панҷяккор, панҷяккор будан.

**ПАНҶЯКХӮР** پنجیکخور *таър.* он ки панҷяки ягон чизро аз худ мекунад (мехӯрад).

**ПАПИРОС** *олм.* پپیراس тамокуи коғазпеч: **папирос кашидан**.

**ПАПИРОСДОН** پپیراسدان қуттии папирос, портсигор.

**ПАПИРОСКАШ** پپیراسکش он ки папирос мекашад; сигоркаш.

**ПАПИРОСКАШӢ** پپیراسکشی *исми амал аз* **папирос кашидан**; сигор кашидан.

**ПАПИРУС** *ю.* پپیروس 1. як навъ алафи ҷойҳои тропикӣ аз ҷинси чиғ, бардӣ. 2. масолеҳ барои хатнависӣ, ки мисриён ва дигар халқҳои дунёи қадим аз ҳамин гиёҳ тайёр мекарданд.

**ПАПЛУС** پپلس як навъ таом, ки аз равған, пиёз, об ва нони хушк тайёр мешавад.

**пар** پر 1. *асоси замони ҳозира аз* **паридан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маъноҳои* паранда, парвозкунанда: **худпар**, **дурпар**, **тезпар**.

**ПАР** I پر парвоз, паридан, париш.

**ПАР** II پر 1. найчаҳои бо мӯяк ва тибит иҳоташуда, ки тану боли парандагонро мепӯшонад. 2. бол; қанот; **пари коҳ** а) резаи коҳ, коҳреза; б) ночиз, чизи хеле кам; **пари зоғ** *киноя аз* ранги сиёҳ; **чун пари товус**; рангин, рангоранг; **пар баровардан** а) болдор шудан (-и ҷӯҷа); пар пайдо кардан; б) *маҷ.* ҷасорат пайдо кардан, далер шудан, нотарс шудан; **пар боз кардан** бол кушодан, ба парвоз омода шудан; **пар задан** а) болҳо ба ҳам барзадан; б) паридан, парвоз кардан; **пар кандан** а) найчаҳои мӯякдорро аз тану боли паранда ҷудо намудан, бе бол намудан; б) *маҷ., ниг.* **пару бол кандан**; **пар кушодан** парвоз кардан, ба парвоз омода шудан; **пар рехтан** а) пар резондан, тулак кардан; б) *маҷ.* оҷизу нотавон гаштан; **лоқу пар** чизу чора, асбобу анҷом. 3. *кит., маҷ.* пушту паноҳ, ҳимоят; **зери пар гирифтан** а) ба паноҳи худ гирифтан; б) ба итоат даровардан; **пару бол доштан** *киноя аз* пушту паноҳ ва қуввату қудрат доштан; **пар(-и** *касеро***) сӯхтан** аз воситаи амалу ҳаракат маҳрум кардан касеро; **пару бол бахшидан (додан)** рӯҳбаланд кардан; қувваю мадад додан; **пар(-у бол) кандан (шикастан)** оҷизу нотавон гардонидан; ◊ **пашша пар назадан** оромӣ ва хомӯшӣ ҳукмфармоя будан.

**ПАР** III پر *шакли кӯтоҳшудаи* **парниён**.

**ПАР** IV پر партав, нур.

**ПАРАДОКС** *ю.* پرداکس фикре, ки бо афкори дуруст ва хулосаҳои илмӣ мувофиқат намекунад ё аксар вақт зоҳиран ба фикри солим зид мебошад; ҳодисаи тасодуфӣ, ки бо тасаввуроти муқаррарӣ мувофиқат надорад.

**ПАРАДОКСАЛӢ** پرداکسلی *мансуб ба* **парадокс**; ғайриэҳтимолӣ; ғайримумкин; фикри мухолиф ба ақидаи қабулшуда.

**ПАРАЗИТ** *ю.* پرزیت 1. сохтори наботӣ ва ҳайвоние, ки аз ҳисоби ҷисми дигар зиндагӣ мекунад ва ба он зарар мерасонад; ангал, туфайлӣ. 2. *маҷ., гуфт.* он ки аз ҳисоби меҳнати дигарон рӯз мебинад, муфтхӯр.

**ПАРАЗИТОЛОГИЯ** پرزیتالاگیه илмест, ки хосияти паразитҳоро меомӯзад, ангалшиносӣ.

**ПАРАК** I پرک 1. *шакли тасғири* **пар** I, 1. 2. номи дигар ситораи Суҳайл.

**ПАРАК** II پرک 1. харсанг, шах, сангпораҳои овезон. 2. параи бинӣ, нармаи ду паҳлӯи бинӣ.

**ПАРАЛЕЛ** *ю.* پرليل 1. *риёз.* хатти мувозӣ. 2. *ҷугр.* хатти арз. 3. муқоиса, татбиқ.

**ПАРАЛЛЕЛӢ** پرليلى *ниг.* **мувозӣ**.

**ПАРАЛЛЕЛОГРАММ** *ю.* پرليلاگرم *риёз.* шакли чоргӯшае, ки тарафҳои муқобилаш ба ҳамдигар баробар ва мутавозӣ мебошанд.

**ПАРАМ** پرم *ниг.* **мушхор**.

**ПАРАМЕТР** پرميتر 1. *риёз.* бузургии доимии бо ҳарф ифодашуда, ки қимати ҳамешагии худро фақат дар доираи ҳисоби муайян нигоҳ медорад. 2. мушаххас, бузургӣ.

**ПАРАН** پرن *шакли кӯтоҳшудаи* **Парвин**.

**ПАРАНД** I پرند *кит.* як навъ матои абрешимӣ, ҳарир; парниён.

**ПАРАНД** II پرند *кит.* ҷавҳари теғ, шамшер.

**ПАРАНДА** پرنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **паридан**. 2. парвозкунанда, парвозӣ. 3. мурғ (-и хонагӣ ва ҳавоӣ), мурғи ҳавоӣ.

**ПАРАНДАПАРВАР** پرندهپرور парваришкунандаи паранда, он ки парандаро парвариш мекунад; мурғпарвар.

**ПАРАНДАПАРВАРӢ** پرندهپرورى парвариши паранда; мурғпарварӣ.

**ПАРАНДАШИНОС** پرندهشناس мутахассиси соҳаи парандашиносӣ, орнитолог.

**ПАРАНДАШИНОСӢ** پرندهشناسى як соҳаи зоология, ки ба омӯзиши парандаҳо машғул аст, орнитология.

**ПАРАНДБОФӢ** پرندبافى *кит.* ҳарирбофӣ.

**ПАРАНДОХ** پرنداخ *кит.* 1. пӯсти бузи даббоғишуда. 2. тасма.

**параст** پرست 1. *асоси замони ҳозира аз* **парастидан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба, маънои* парастанда, дӯстдоранд: **майпараст**, **пулпараст**, **мансабпараст**.

**ПАРАСТА** پرسته он чи, ки онро мепарастанд, он чи мавриди парастиш аст.

**ПАРАСТАНДА** پرستنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **парастидан**. 2. он ки ба чизе эътиқод дорад ва онро парастиш мекунад, парастишкунанда; **парастандаи хаёл** *киноя аз* шоир.

**ПАРАСТИДАН** پرستيدن 1. *д.* ибодат кардан, бандагӣ кардан. 2. хеле дӯст доштан (*чизеро*). 3. хизмати бемор кардан.

**ПАРАСТИШ** پرستش 1. *д.* бандагӣ, ибодат. 2. таъзиму такрим, ситоиш. 3. хизматгорӣ; бемордорӣ; **парастиш кардан** а) ибодат кардан; б) хизмат намудан, парасторӣ кардан, нигоҳубин кардан.

**ПАРАСТИШГАР** پرستشگر *кит.* 1. обид, парастанда. 2. ходим, чокар.

**ПАРАСТИШГАРӢ** پرستشگرى 1. парастандагӣ, ибодат кардан. 2. хидмат, хидматгузорӣ.

**ПАРАСТИШГОҲ** پرستشگاه ҷои парастиш, маъбад, ибодатгоҳ.

**ПАРАСТИШКАДА** پرستشكده *ниг.* **парастишгоҳ**.

**ПАРАСТИШХОНА** پرستشخانه *ниг.* **парастишгоҳ**.

**ПАРАСТОР** پرستار 1. нигоҳубинкунанда (-и касе), ёрирасон, мададгор, ғамхор. 2. он ки ба нигоҳубини бемор машғул аст, ҳамшираи шафқат, ҳамшираи тиббӣ. 3. тарбиятгар; мураббӣ. 4. *кит.* хизматгор, ходим.

**ПАРАСТОРЗАН** پرستارزن ҳамшираи шафқат.

**ПАРАСТОРӢ** پرستارى нигоҳубин, ғамхорӣ, хизматгузорӣ; **парасторӣ кардан** нигоҳубин кардан, хизмат расондан; **ба парасторӣ гирифтан** ба тарбияи худ гирифтан.

**ПАРАСТУ** پرستو *зоол.* фароштурук.

**ПАРАФШОН** پرافشان 1. дар ҳолати парвоз, парвозкунон, болу парзанон. 2. дар ҳолати эҳтизоз (ҷунбиш), *мас.,* парчам; а) **парафшон шудан** парвоз кардан; б) дар ҷунбиш шудан.

**ПАРАФШОНӢ** پرافشانى 1. бол задан. 2. парвоз кардан, паридан; **парафшонӣ кардан** а) парвоз кардан; б) ҷилвагар будан; в) *маҷ.* барои расидан ба мақсаде кӯшиш кардан.

**ПАРАХА** پرخه чӯбмайдаҳои тунук, ки вақти тарошидани чӯб аз дами ранда ё теша мебарояд; ◊ **параха паридан** *аз чизе,* касе аз тарафи касе ё чизе фоидае ба даст омадан.

**ПАРАШУТ** *фр.* پرشوت асбоби чатрмонанди дар ҳаво кушодашаванда, ки ба воситаи он аз ҳавопаймо меҷаҳанд ё бор мепартоянд.

**ПАРБАСТА** پربسته **:болу парбаста**; *маҷ.* муқайяд, бандшуда, побанд.

**ПАРБИСТАР**پربستر навъи болишт, ки аз пари парандагон дӯхта мешавад.

**ПАРВА** پروه *кит.* 1. чизи аз ҷанг ба даст овардашуда, ғанимат.

**ПАРВАЗ** پروز *кит.* 1. фаровези ҷома, шероза, зеҳ. 2. аслу насаб; хеш; ◊ **парвази сабза** *киноя аз* сабзаи нозуки латиф, ки монанди шероза, фаровез дароз кашида мешавад.

**ПАРВАНД** پروند *кит.* 1. гулобӣ. 2. амруд, мурӯд.

**ПАРВАНДА** I پرونده *кит.* 1. бастаи ҷома, буғча. 2. хӯрҷин.

**ПАРВАНДА** II پرونده 1. *ҳуқ.* ҳуҷҷатҳои судие, ки барои маҳкум кардани шахси гунаҳкор тайёр мешаванд: **парвандаи ҷиноӣ**. 2. бастаи ҳуҷҷатҳо: **парвандаи шахсӣ**.

**ПАРВАРАНДА** پرورنده парваришкунанда, нигоҳубинкунанда; тарбиятгар, мураббӣ.

**ПАРВАРД** پرورد парвардан, парвариш, парасторӣ, тарбия.

**ПАРВАРДА** I پرورده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **парваридан**. 2. парваришёфта, парваридашуда; нигоҳубиншуда. 3. навдаҳои буридаи баъзе дарахтон (*ток, бед, сафедор ва г.*), ки ба замин гӯронида, баъди реша баровардан дар ҷои дигар мешинонанд; ниҳоле , ки дар як ҷо баромадааст ва ба ҷои дигар бурда мешинонанд.

**ПАРВАРДА** II پرورده 1. як хел ҳалво, ки донадона бурида мешавад. 2. меваи ба шакар хобондашуда: **лимуи парварда**.

**ПАРВАРИДА** پروریده 1. *кит. сифати феълии замони гузашта аз* **парвар(и)да**. 2. парваришёфта, тарбиятдида; *маҷ.* шогирд, фарзанд.

**ПАРВАР(И)ДАН** پروردن//پروریدن *кит.* 1. парвариш кардан, парасторӣ намудан, нигоҳубин кардан; ба воя расонидан. 2. тарбия кардан; **ба дил парваридан** *чизеро* дар дил ҳифз кардан; орзу намудан.

**ПАРВАРДАХОНА** پرورده‌خانه гармхона, ки ниҳолҳо ва буттаҳои гулро дар он ҷо парвариш мекунанд.

**ПАРВАРДИГОР** پروردگار 1. *д.* офаридгор, халққунанда (*сифати Худо*). 2. *кит.* тарбиятгар, мураббӣ.

**ПАРВАРИШ** پرورش нигоҳубин, тарбият; парасторӣ; **парвариш кардан** а) нигоҳубин кардан, тарбият кардан; б) рӯёнидан, хосил кардан; **парвариш ёфтан (додан)** тарбия гирифтан (додан).

**ПАРВАРИШГОҲ** پرورشگاه ҷои тарбият; хонаи тарбияи кӯдакон.

**ПАРВАРИШЁФТА** پرورش‌یافته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **парвариш ёфтан**; тарбиягирифта. 2. парвариши хуб дода (*оид ба растаниҳо*).

**ПАРВАРИШКУНАНДА** پرورش‌کننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **парвариш кардан**. 2. тарбиятгар, парастор.

**ПАРВАРОНИДАН** پرورانیدن *шакли бавоситаи* **парвар(и)дан**.

**ПАРВАҲОН** پروهان *кит.* зоҳир, ошкор.

**ПАРВЕЗАН//ПАРВИЗАН** پرویزن *кит.* 1. афзорест барои бехтани орд, ғирбол, элак, ордбез. 2. ҳар чизи шабакадор ва тӯршакл.

**ПАРВИН** پروین 1. *нуҷ.* маҷмӯи ситораҳое, ки дар як ҷо дар бурҷи Савр ҷамъ омадааст; Сурайё, Ҳафтдодарон. 2. *маҷ.* ашк: **хӯшаи парвин**.

**ПАРВО** پروا 1. андеша, фикр; **парво накардан** а) аҳамият надодан: эътибор надодан; б) фикр накардан; в) натарсидан, наҳаросидан; **парвои фалак надоштан** беғам будан, фикри чизеро накардан; бепарвофалак. 2. рағбат, майл, таваҷҷӯҳ; **ба гапи** касе **парво накардан** ба гапи касе таваҷҷӯҳ надодан. 3. тарс, бим, ҳарос, бок; *муқоб.* **бепарво**; **парво надоштан** а) аҳамият надодан ба эътибор нагирифтан, бок надоштан; б) натарсидан, наҳаросидан. 4. парвариш, нигоҳубин; поидан, чаро; **парво кардан** нигоҳубин кардан, парвариш кардан; фарбеҳ кардан (*чорпоро*).

**ПАРВОЗ** پرواز 1. пар кушода ва болу пар зада дар ҳаво паридани мурғ. 2. паридан ба воситаи нақлиёти ҳавоӣ: **парвози ҳавоӣ, парвози кайҳонӣ**; **парвоз доштан** дар парвоз будан, парвоз кардан; **парвоз гирифтан**; **ба парвоз даромадан** паридан, дар парвоз шудан; **ба парвоз омадан (шудан)** паридан;

**парвоз кардан** паридани мурғ дар ҳаво.

**ПАРВОЗА** پروازه *кит.* 1. *ниг.* **парвоз**. 2. лавозимоти сафар, хӯрокӣ.

**ПАРВОЗГАҲ** پروازگه *ниг.* **парвозгоҳ**.

**ПАРВОЗГОҲ** پروازگاه 1. ҷои парвоз, майдони парвоз. 2. маҳалли (майдони) парвози ҳавопаймо ё чархбол.

**ПАРВОЗӢ** پروازی *мансуб ба* **парвоз**; парвозкунанда.

**ПАРВОЗКУНАНДА** پروازکننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **парвоз кардан**. 2. он чи парвоз мекунад, паранда.

**ПАРВОЗКУНОН** پروازکنان *феъли ҳол аз* **парвоз кардан**; дар ҳолати парвоз.

**ПАРВОӢ** پروائی парворӣ, парваридашуда, фарбеҳ карда: **гусфанди парвоӣ**.

**ПАРВОНА** I پروانه *зоол.* 1. ҳашароте, ки дар шаб гирди чароғ, шамъ *ва г.* мегардад ва худро ба онҳо мезанад: **парвонаи чароғ**. 2. *маҷ.* ошиқ; муштоқ; иштиёқманд; **парвона шудан** *ба чизе, касе* а) гирди чизе, касе гаштан, дар атрофи чизе, касе чарх задан; б) ба чизе касе бисёр наздик шудан; дил додан ба касе, чизе.

**ПАРВОНА** II پروانه 1. *таър.* фармони шоҳ, ҳукм. 2. иҷозатнома; роҳхат, рухсат: **парвонаи духул**.

**ПАРВОНА** III پروانه *кит., зоол.* сиёҳгӯш, ҳайвони ваҳшии аз саг калонтар.

**ПАРВОНАВОР** پروانه‌وار мисли парвона, монанди парвона, парвонасифат.

**ПАРВОНАГӢ** پروانگی 1. парвона будан. 2. *маҷ.* ошиқӣ.

**ПАРВОНАДЕҲ** پروانه‌ده амркунанда, фармондеҳ, иҷозатдиҳанда.

**ПАРВОНАДОР** پروانه‌دار дорои иҷозатнома барои анҷоми коре, дорои рухсатнома, иҷозатдор.

**ПАРВОНАК** پروانک *ниг.* **парвона** III.

**ПАРВОНАСИФАТ** پروانه‌صفت *ниг.* **парвонавор**.

**ПАРВОНАСОН** پروانه‌سان *ниг.* **парвонавор**.

**ПАРВОНАЧӢ** پروانچی *таър.* 1. яке аз мансабҳои олӣ дар Аморати Бухоро. 2. таҳиякунанда ва ирсолкунандаи фармонҳо.

**ПАРВОНЧА** پروانچه *ниг.* **парвона** II.

**ПАРВОР** پروار *кит.* 1. парвариш, парваридан; танпарастӣ; **ба парвор доштан** парвариш намудан, боӣ кардан. 2. фарбеҳкарда, фарбеҳ; **парвор гирифтан** фарбеҳ шудан. 3. пуштибон, такягоҳ; воситаи дилгармӣ. 4. миҷмараи удсӯз, зарфи удсӯзӣ, манқале, ки ба он уд андохта хонаро хушбӯ мекунанд.

**ПАРВОРА** I پرواره *кит.* раф, тоқча.

**ПАРВОРА** II پرواره *кит.* парваришёфта, парваришдода.

**ПАРВОРБАНД** پرواربند *кит.* он ки чорво парво карда, фарбеҳ намуда барои гӯшт омода мекунад.

**ПАРВОРБАНДӢ** پرواربندی *кит.* амал ва кори парворбанд.

**ПАРВОРӢ** پرواری парвоӣ, фарбеҳкарда, парварида; **гӯсфанди парворӣ** гусфанди парваридашуда.

**ПАРВОС** پرواس *кит.* озодӣ, растагорӣ.

**ПАРВОСИДАН** پرواسیدن *кит.* ламс кардан, ба даст судан, даст ба чизе молидан, даст-даст кардан.

**ПАРГАНДА** پرگنده *шакли кӯтоҳшудаи* **парогандa**.

**ПАРГАР** پرگر *кит.* гарданбанди мурассаъ, тавқи тилло.

**ПАРГАС//ПАРГАСТ** پرگس//پرگست *кит.* мабодо, ҳаргиз, ҳошо.

**ПАРГОЛА** پرگاله *кит.* 1. пина, васла, ямоқ, пора. 2. *маҷ.* нақшу нигори рӯи чизе.

**ПАРГОР** پرگار 1. афзорест барои кашидани доира, сиркул. 2. доира. 3. *маҷ.* роҳ, равиш; тариқ; чора.

**ПАРГОРДОН** پرگاردان куттие, ки дар он паргор нигоҳ дошта мешавад.

**ПАРГОРЗАН** پرگارزن паргоркаш, доиракаш.

**ПАРГОРӢ** پرگاری *мансуб ба* **паргор**; хати бо паргор кашида, хати доиравӣ.

**ПАРГУСАСТА** پرگسسته 1. парканда, бепару бол. 2. *маҷ.* оҷиз, нотавон.

**ПАРДА** I پرده 1. матое, ки барои пўшонидани дару тиреза меовезанд; **пардаи тиреза**; матои сербаре, ки пеши саҳнаи театр кашида мешавад: **пардаи саҳна**. 2. чодаре, ки занону духтарон барои аз мардони бегона пинҳон кардани рўи худ ба сар мегирифтанд, рўйпўш, ҳиҷоб, сарандоз. 3. пардаи бисёр нозуки сафед дар таки пўсти тухми мурғ, байни қисматҳои пиёз ва анор. 4. пўсти бисёр нозук, ки рўи баъзе аз аъзои бадани инсонро пўшондааст: **пардаи гўш**, **пардаи гурда**. 5. *ба тарзи истиора* ҳар чизи фарогиранда ва иҳотакунанда; **пардаи шаб**; **дар парда**, **зери парда** корҳои пинҳонӣ, номаълум, асрори пўшида; **пардаи сиёҳ** *киноя аз* фаранҷӣ ва чашмбанд; **парда аз рўи** *чизе* **афтодан парда-парда** қабат ба қабат, таҳ бар таҳ; ошкор шудани чизе, фош гардонидани чизе; шарманда шудани касе; **парда бардоштан (кушодан) аз рўи** *чизе* асрори *чизеро* ошкор кардан, фош сохтан чизеро; **парда боз кардан** рўй намудан, рўпўшро гирифтан; **парда даридан**, **пардаи** касеро **дарондан** *маҷ.* шарманда кардан; фош ва расво кардан; **пардаи гулў дарондан** бо овози хеле баланд гап задан; **парда кушодан аз рўи** чизе ошкор сохтан чизеро, фош намудан чизеро; **парда кашидан** а) парда овехтан; б) *маҷ.* пинҳон кардан, махфӣ гардонидан; **аз парда озод намудан** озодӣ бахшидан аз зери чодар раҳоӣ додан.

**ПАРДА** II پرده 1. *мус.* зеҳ ва бандҳое аз пай, рўда ё филиз, ки ба дастаи дутор, танбўр ва дигар асбобҳои мусиқии торӣ ба фосилаи муайян мебананд ва вақти навохтан ангуштро ба болои онҳо зер мекунанд. 2. наво, оҳанг; мақом.

**ПАРДААРЎСАК** پرده‌عروسک *бот.* як навъ гиёҳи буттааш ба қаланфур монанд, ки меваааш даруни ғўзаи тунукаш сурх шуда мепазад, ҳамчун меваи табобатӣ истифода мешавад.

**ПАРДАБАРДОР** پرده‌بردار 1. он ки аз рўи чизе чодар ё парда мебардорад. 2. ошкоркунанда; **парда бардоштан** а) чодар аз рўи чизе бардоштан; б) *маҷ.* ошкор сохтан, намудор кардан.

**ПАРДАБАРДОРӢ** پرده‌برداری 1. *исми амал аз* **парда бардоштан**. 2. маросими кушодани рўи ягон ёдгории меъморӣ (*мас. ҳайкал, нимпайкара ва г.*)

**ПАРДАБОЛ** پرده‌بال *зоол.* **:пардаболҳо** ҳашароти қанотҳояш пардадор.

**ПАРДАВОР** پرده‌وار *ниг.* **пардаворӣ**.

**ПАРДАВОРӢ** (پرده‌وار(ی *мансуб ба* **парда**; матоъ барои парда.

**ПАРДАГАР** پرده‌گر пардасоз, он ки парда таҳия мекунад, дўзандаи парда, пардасоз.

**ПАРДАГИЛЕМ** پرده‌گلیم *кит.* навъе аз палос, ки барои хобидан ва рў пўшидан ба кор мебурдаанд; палосе, ки айёрон истифода мекарданд; палоси тунук.

**ПАРДАГӢ** پردگی 1. дар парда будан. 2. парданишин; пардадор, мастур; пўшида, пинҳон. 3. *маҷ.* тоза, покиза; нав. 4. *ниг.* **пардавор(ӣ).**

**ПАРДАГОҲ** پرده‌گاه ҷои пинҳонӣ, маҳалли пинҳонӣ, маҳрамхона.

**ПАРДАДАР** پرده‌در 1. ошкоркунанда; фошкунанда. 2. шармандакунанда, беобрўкунанда. 3. *маҷ.* айбҷў, беҳаё.

**ПАРДАДАРИДА** پرده‌دریده *сифати феълии замони гузашта аз* **парда даридан**; беобрўшуда, расвошуда.

**ПАРДАДАРӢ** پرده‌دری 1. ошкор кардан, фош кардан. 2. расвоӣ. 3. *гуфт.* парда барои дар; матое, ки барои пардаи дарҳо муносиб аст.

**ПАРДАДАРОН** پرده‌دران *ниг.* **пардадар**.

**ПАРДАДОР** I پرده‌دار 1. он ки ё он чи рўйпўш аст; рўпўшкунанда, пинҳонкунанда. 2. *таър.* дарбон, ҳоҷиб (*дар дарборҳо*).

**ПАРДАДОР** II پرده‌دار *мус.* дорои парда (оид ба асбобҳои мусиқии торӣ).

**ПАРДАДЎЗ** پرده‌دوز 1. дўзандаи парда. 2. нигорандаи сирру асрори хеш; ◊ **бар тани худ пардадўз шудан**.

**ПАРДАК** پردک *кит.* чистон, луғз; муаммо.

**ПАРДАКАШ** پرده‌کش *ниг.* **пардадар**.

**ПАРДАКУШО** پرده‌کشا *киноя аз* ошкоркунанда, намоёнкунанда.

**ПАРДАНИШИН** پرده‌نشین 1. хилватнишин, гўшанишин. 2. зан ё духтари мастур ва пасипардагӣ.

**ПАРДАНИШИНӢ** پرده‌نشین хилватнишинӣ, гўшанишинӣ, кунҷи узлат ихтиёр кардан.

**ПАРДАПЎШ** پرده‌پوش 1. сарпўш, рўпўш. 2. роздор. 3. айбпўш; **пардапўш кардан** а)

пинҳон кардан, ошкор нанамудан; б) *маҷ.* хомӯш кардан.

**ПАРДАПӮШӢ** پرده‌پوشی пинҳон кардан, рӯпӯш намудан, махфӣ нигоҳдорӣ (*чизеро, фикреро*).

**ПАРДАПӮШОНА** پرده‌پوشانه дар ҳолати пардапӯш будан, пинҳонӣ, нонамоён.

**ПАРДАСАРО(Й)** I پرده‌سرا(ی) 1. хайма, чодири подшоҳ, саропарда. 2. хаймаи занони подшоҳ.

**ПАРДАСАРО(Й)** II پرده‌سرا(ی) *кӯҳн.* сароянда, мутриб.

**ПАРДАСОЗ** پرده‌ساز *ниг.* **пардадӯз**.

**ПАРДАСӮЗ** پرده‌سوز 1. сӯзонандаи парда. 2. *киноя аз* ошкоркунандаи розҳо.

**ПАРДАХТ** پرداخت :**пардахт кардан** *кит.* холӣ кардан, тиҳӣ намудан; **пардахт мондан** *кит.* холӣ мондан, тиҳӣ гаштан; **пардахт шудан** *ниг.* **пардахта шудан**.

**ПАРДАХТА** پرداخته *сифати феълии замони гузашта аз* **пардахтан**; холӣ, тиҳӣ; **пардахта мондан** холӣ гаштан; ◊ **пардахта шудан** а) фориғ шудан; б) анҷом ёфтан, ба охир расидан.

**ПАРДАХТАН** پرداختن (*муқ.* **пардохтан**) *кит.* 1. холӣ кардан, тиҳӣ кардан; адо кардан. 2. машғул шудан, андармон шудан. 3. тамом кардан, ба анҷом расонидан; буд кардан, сохтан. 4. фориғ шудан, фароғат ёфтан, осуда гаштан. 5. *маҷ.* мурдан, вафот ёфтан; **пардахтан** *аз касе* ба қатл овардани касе.

**ПАРДАШИКОФ** پرده‌شکاف *киноя аз* фошкунанда, ошкоркунанда.

**ПАРДАШИНОС** پرده‌شناس 1. мутриб, навозанда, мусиқидон. 2. *маҷ.* ориф, соҳиби фаҳм.

**ПАРДЕВОРӢ** پردیواری қисми болоии девор, қабати деворпӯш.

**ПАРДЕЗ** پردیز *кит.* мамнӯъгоҳ.

**пардоз** پرداز 1. *асоси замони ҳозира аз* **пардохтан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* зебу ородиҳанда, навозанда: **нуктапардоз**, **нағмапардоз** ва *ғ.*

**ПАРДОЗ** پرداز 1. ороиш, зебу зинат. 2. сайқал; **пардозу андоз** а) зебу зинати бисёр, рангу бори аз ҳад афзун; б) муболиға, таърифу тавсиф; **пардоз додан** а) оро додан; сайқал додан; б) суфта кардан: **масолеҳи пардоз**.

**ПАРДОЗАНДА** پردازنده *итт.* абзоре дар компютер, ки иттилоотро пардозиш мекунад, протсесор.

**ПАРДОЗГАР** پردازگر он ки пардоз мекунад, пардоздиҳанда, ороишдиҳанда.

**ПАРДОЗГАРӢ** پردازگری 1. амали пардозгар. 2. сайқалдиҳӣ, ороишгарӣ; **дастгоҳи пардозгарӣ** дастгоҳи ороишӣ, сайқалдиҳӣ.

**ПАРДОЗДИҲАНДА** پردازدهنده 1. *сифати феълии замони* ҳозира *аз* **пардоз додан**. 2. пардозгар.

**ПАРДОЗДИҲӢ** پردازدهی пардоз додан, зебу зинат додан: **корхонаи пардоздиҳӣ**.

**ПАРДОЗИДАН** پردازیدن *кит.* машғул шудан, ба коре шурӯъ кардан.

**ПАРДОЗНОК** پردازناک пардоздода, пардозкарда, обурангдор.

**ПАРДОР** پردار 1. болдор, соҳиби болу пар. 2. *маҷ.* тезрав (*сифати асп*).

**ПАРДОХТ** پرداخت додани қарз, адои қарз; маблағе, ки ба адои қарз дода мешавад; **пардохти ғайринақдӣ** маблағе, ки ғайринақд дода мешавад; **пардохти меҳнат** музди меҳнат, маош; **қудрати пардохт** қудрати адои қарз; **пардохт кардан** пул супоридан; пул додан, маош додан.

**ПАРДОХТАН** پرداختن 1. адо намудан (қарзро); супурдани маблағе, ки бояд пардохта шавад. 2. ба коре машғул шудан, оғоз намудан(*кореро*): **ба коре пардохтан**. 3. оростан, перостан. 4. сароидан, хондан, иҷро кардан (сурудро), навохтан (оҳангеро); **пардохта шудан** анҷом ёфтан, иҷро шудан; адо карда шудан (қарз).

**ПАРДОХТАНӢ** پرداختنی *ниг.* **пардохтшаванда**.

**ПАРДОХТГАР** پرداختگر *ниг.* **пардохткунанда**.

**ПАРДОХТӢ** پرداختی *мансуб ба* **пардохт**; пардохтшуда.

**ПАРДОХТКУНАНДА** پرداخت‌کننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **пардохт кардан.** 2. пулдиҳанда; қарздор.

**ПАРДОХТШАВАНДА** پرداخت‌شونده *сифати феълии замони ҳозира аз* **пардохт шудан**; су-

пурдшаванда.

**ПАРЕЗ** پریز *кит.* фарёд, наъра, фиғон.

**ПАРЕР** پریر *шакли кӯтоҳшудаи* **парерӯз**.

**ПАРЕРӮЗ** پریروز як рӯз пеш аз рӯзи гузашта, рӯзи пеш аз дирӯз, ду рӯз пеш; рӯзи сеюм.

**ПАРЕШ** پریش *шакли кӯтоҳшудаи* **парешон**.

**ПАРЕШАБ** پریشب шаби гузашта; як шаб пеш аз шаби гузашта; шаби пеш аз дишаб.

**ПАРЕШАН** پریشن *ниг.* **парешон**.

**ПАРЕШИДАН** پریشیدن 1. парешон гардондан, бадҳол намудан, парешон кардан, пароканда сохтан, бар бод додан; афшондан. 2. бехуд гаштан. 3. *мач.* ошкор кардан, фош намудан.

**ПАРЕШОН** پریشان 1. пароканда, дарҳаму барҳам, бетартиб. 2. *мач.* ошуфта, мушавваш, ғамгин. 3. *мач.* бечора, бенаво, бечиз, камбағал; **мӯи парешон** мӯи ҷӯлида, пахмоқ; **сухани парешон** гапи беҳуда, гапи сафсата; **хоби парешон** хоби бесару нӯг, хоби ошуфта; **ҳоли парешон** дар ҳолати изтироб, ҳолати изтироб, музтариб; **парешон гаштан (шудан)** а) пароканда шудан; б) мушавваш шудан, ошуфта шудан гаштан, парешонхотир шудан; **парешон кардан** а) пароканда кардан, аз ҳам ҷудо намудан мутафарриқ гардонидан; б) ошуфта намудан; **пахну парешон** титу пит, пароканда; **пахну парешон шудан** а) пахн гаштан, ба ҳар тараф овоза шудан, сартосар пахн шудан; б) тақсим шудан; **титу парешон шудан (гардидан)** пахну пароканда шудан (гардидан); **хотири** *касе* **парешон шудан** ошуфта шудани *касе*, ғамгин шудани *касе*.

**ПАРЕШОНАҲВОЛ** پریشاناحوال хотирпарешон, ошуфтаҳол; мушаввашхотир; дар ҳолати ногувор монда.

**ПАРЕШОНАҲВОЛӢ** پریشاناحوالی парешонҳол будан, хотирпарешонӣ; ошуфтаҳолӣ

**ПАРЕШОНГӮӢ** پریشانگوئی парешон гуфтан, суханҳои беҳуда гуфтан.

**ПАРЕШОНДИЛ** پریشاندل парешонхотир, музтариб.

**ПАРЕШОНДИМОҒ** پریشاندماغ *ниг.* **парешонхотир**.

**ПАРЕШОНӢ** پریشانی 1. парокандагӣ, бетартибӣ; тафриқа. 2. ошуфтагӣ, беқарорӣ, ташвиш, хафагӣ. 3. *мач.* тарс, бим, хавф.

**ПАРЕШОНКОР** پریشانکار *кит.* ошуфтакор, он ки ба парешон ва ошуфта кардан рағбат дорад.

**ПАРЕШОНМӮЙ** پریشانموی 1. он ки мӯяш дарҳаму барҳам аст. 2. ҷӯлидамӯй, пахмоқмӯй.

**ПАРЕШОННАЗАР** پریشاننظر 1. дорои назари парешон, ба ҳар сӯй нигаранда, ба ҳар тараф булҳавасона нигаранда. 2. *мач.* булҳавас.

**ПАРЕШОННАФАС** پریشاننفس 1. ошуфта, ҳайрон, парешонхотир. 2. *мач.* булҳавас.

**ПАРЕШОННИГОҲ** پریشاننگاه *ниг.* **парешонназар**.

**ПАРЕШОНРӮЗГОР** پریشانروزگار 1. овора, сияҳрӯз, сияҳбахт. 2. тангдаст; бесомон, бесарачом, ошуфтаҳол.

**ПАРЕШОНРӮЗГОРӢ** پریشانروزگاری оворагӣ, бесомонӣ, бечорагӣ.

**ПАРЕШОНСАЙР** پریشانسیر парешонгард, ошуфта, бесаранҷом.

**ПАРЕШОНСАФАР** پریشانسفر саргардон, оворагард.

**ПАРЕШОНФИКР** پریشانفکر хотирпарешон; ошуфтаҳол.

**ПАРЕШОНФИКРӢ** پریشانفکری парешонфикр будан; хотирпарешонӣ; ошуфтаҳолӣ.

**ПАРЕШОНХАЁЛ** پریشانخیال *ниг.* **парешонхотир**.

**ПАРЕШОНХОТИР** پریشانخاطر 1. мушавваш, ошуфта, парешонфикр; парешонхаёл. 2. музтариб; ғамгин; паридахаёл.

**ПАРЕШОНХОТИРӢ** پریشانخاطری 1. ошуфтагӣ, ошуфтаҳолӣ, ташвиш. 2. хотирпарешонӣ, изтироб.

**ПАРЕШОНХОТИРОНА** پریشان خاطرانه бо парешонхотирӣ, дар ҳолати изтироб ва ташвиш.

**ПАРЕШОНҲАВОС** یشانحواس *ниг.* **парешонхотир**.

**ПАРЕШОНҲОЛ** پریشانحال *ниг.* **парешонаҳвол**.

**ПАРЕШОНШУДА** پریشان‌شده ба ҳар тараф паҳншуда, пароканда, мутафаррик.

**ПАРЕШОНҲОЛӢ** پریشان‌حالی хотирпарешонӣ, ошуфтагӣ; хафагӣ.

**ПАРЗАДАРӮ(Й)** پرزده‌رو(ی) он ки дар рӯяш доғи обила дорад, обиларӯй.

**ПАРЗАНӢ** پرزنی *исми амал аз* **пар задан**; парафшонӣ, болу пар задан.

**ПАРЗАНОН** پرزنان *феъли амал аз* **пар задан**; болзанон, парвозкунон.

**ПАРИАНДОМ** پری‌اندام *ниг.* **парипайкар.**

**ПАРИАФСОЙ** پری‌افسای *кит.* парихон, афсунгар, ҷодугар.

**ПАРИБАНД** پری‌بند *ниг.* **париафсой**.

**ПАРИВАРА** پری‌واره *гуфт., ниг.* **паризада**.

**ПАРИВАШ** پری‌وش 1. паримонанд, чун парӣ, мисли парӣ; паривор. 2. *мач.* зебо, хушрӯй.

**ПАРИВОР** پری‌وار *ниг.* **париваш**.

**ПАРИГИРИФТА** پری‌گرفته *ниг.* **паризада**.

**ПАРИДА** پریده *сифати феълии замони гузашта аз* **паридан**; парвозкунон, парзанон; **парида омадан** парвозкунон омадан, пар зада омадан; **парида рафтан** парзанон рафтан, пар зада рафтан.

**ПАРИДА(ГӢ)** پریده//پریدگی *шакли дигари сифати феълии* **парида**. 1. *аз чизе* ҷудошуда. 2. *мач.* шикаста; *ниг.* **паридан** 9.

**ПАРИДАН** پریدن 1. ба воситаи пару бол ба ҳаво баланд шудани парандаҳо; парвоз кардан. 2. ба воситаи нақлиёти ҳавоӣ аз ҷое ба ҷои дигар рафтан. 3. ҷастан, хез задан, банохост аз ҷо ҷаста хестан. 4. ларзидан, сахт ҷунбидан. 5. бардошта шудан; боло рафтан; бухор шуда ба ҳаво рафтан (*мас., шабнам*). 6. ҷаҳида ғалтидан, ғалтида рафтан. 7. бартараф шудан, дур шудан (*мас., кайф, мастӣ*). 8. паҳн шудан, пош хӯрдан (*мас., оташ*). 9. шикастан, шикастани лаби зарфи чинӣ ё шишагӣ. 10. *мач.* бовар кардан; фирефта шудан ба касе, ба чизе, ба умеди касе болидан; **парида рафтан** а) парвоз кардан, б) ғелида рафтан, ғалтидан, ногаҳонӣ афтидан; **парида хестан** якбора ҷастан, хез зада аз ҷо бархостан; **паридани ранг** а) тағйир ёфтани ранги чизе, (*мас., ранги либос аз офтоб*); б) дигаргун шудани ҳолат аз шодӣ, тарсу ваҳм ё ғаму андӯҳ; **паридани чашм** ҷунбидани мижгон ва пилки чашм аз таъсири асаб; **як қад паридан** аз таъсири чизе якбора тарсида ҷунбида мондан, тарсидан; **ҳуш (аз сар) паридан** якбора тарсида мондан, сахт тарсидан.

**ПАРИДАРАНГ** پریده‌رنگ 1. он ки ё он чи рангаш парида бошад. 2. *мач.* бемор, касал.

**ПАРИДАХАЁЛ** پریده‌خیال *ниг.* **парешонхотир**.

**ПАРИДОР** پریدار он ки ба вай гӯё парӣ асар кардааст; ҷиндор.

**ПАРИДУХТ** پری‌دخت *ниг.* **паридухтар**.

**ПАРИДУХТАР** پری‌دختر 1. паризод. 2. *мач.* зебо, хушрӯй.

**ПАРИЗАДА** پری‌زده 1. он ки ба ӯ гӯё парӣ асар кардааст, ҷинзада, паридор. 2. *мач.* мушавваш, ошуфта.

**ПАРИЗОД(А)** پری‌زاد//پری‌زاده 1. зодаи парӣ. 2. *мач.* бисёр зебо, бисёр хушрӯ.

**ПАРИМОНАНД** پری‌مانند *мач.* зебо, хушрӯ.

**ПАРИНАЖОД** پری‌نژاد *ниг.* **паризод**.

**ПАРИПАЙКАР** پری‌پیکر хушандом, зебоқиёфа; хушрӯ, зебо, париандом.

**ПАРИПАШША** پرپشه *боф.* як навъ матоъ.

**ПАРИПАШШАГӢ** پرپشگی *мансуб ба* **парипашша**.

**ПАРИР** پریر *кит., ниг.* **парер**.

**ПАРИРУХ** پری‌رخ парирӯй, зебо, хушрӯй.

**ПАРИРУХСОР** پری‌رخسار *ниг.* **парирӯ(й).**

**ПАРИРӮ(Й)** پری‌رو(ی) зебо, хушрӯй, соҳибҷамол; паричеҳра.

**ПАРИРӮЗ** پریروز *ниг.* **парерӯз**.

**ПАРИСИМО** پری‌سیما *ниг.* **паричехра**.

**ПАРИСО** پری‌سا париосо, париваш, парисон.

**ПАРИСО(Й)** پری‌سا(ی) *шакли кӯтоҳшудаи* **париафсой**.

**ПАРИСУРАТ** پری‌صورت паримонанд, зебо, хушрӯй.

**ПАРИТЕТ** *олм.* پریتیت 1. таносуб; баро-

барнархӣ; таносуби пулҳо (*байни ду асъор*), ба ҳисоби тилло, ки ҳамчун замина барои таъйини қурби асъор истифода мегардад. 2. баробарӣ, муносибати баробарӣ.

**ПАРИТОВУСӢ** پرطاوسی 1. мисли пари товус, рангоранг, гуногунранг. 2. *боф.* як навъ матои абрешимӣ: **фаранҷии паритовусӣ**.

**ПАРИХОН** پری‌خوان парибанд, париафсой, соҳир, ҷодугар.

**ПАРИХОНА** پری‌خانه 1. маскани париҳо, ҷои париҳо. 2. *маҷ.* нигористон, суратхона.

**ПАРИХОНӢ** پری‌خوانی соҳирӣ, ҷодугарӣ, афсунгарӣ.

**ПАРИЧЕҲР(А)** پری‌چهر(ه) парирӯй, зебо, хушрӯ, соҳибҷамол.

**ПАРИШ** پرش 1. *сифати феълӣ аз* **паридан**; парвоз. 2. ҷунбидан, ларзидан; пир-пир паридан. 3. ҷастан, хез кардан, ҷаҳиш.

**ПАРИШАБ** پریشب *ниг.* **парешаб**.

**ПАРИШАМОИЛ** پریشمایل *ниг.* **парисурат**.

**ПАРӢ** پری 1. махлуқи афсонавӣ, ки ба чашм нонамоён, хушрӯю зебо тасаввур карда мешавад. 2. *маҷ.* маъшуқаи зебо.

**ПАРК** *англ.* پرک 1. боғ, чорбоғ, боғи калон бо хиёбонҳо ва гулзорҳо; боғи фароғатӣ. 2. бунгоҳ; ҷои ист ва таъмири нақлиёти ягон соҳа ё мошинҳои ягон соҳа: **парки мошинҳо**, **парки трактор**.

**ПАРКАМ** پرکم *кит.* ночизшуда, бекорагашта, азкор афтода.

**ПАРКАНДА** پرکنده 1. мурғи болу параш канда, беболу пар. 2. *маҷ.* оҷиз, нотавон.

**ПАРКАШӢ** پرکشی пар кашидан(-и мурғон); парвоз кардан (-и мурғон).

**ПАРКОЛА** پرکاله *ниг.* **паргола**.

**ПАРЛАМЕНТ** *англ.* پرلمینت маҷлиси олии қонунбарори намояндагони интихобшуда дар мамлакатҳои конститутсионӣ.

**ПАРЛАМЕНТӢ** پرلمینتی *мансуб ба* **парламент**.

**ПАРЛУМОН** پرلمان *ниг.* **парламент**.

**ПАРЛУМОНӢ** پرلمانی *ниг.* **парламентӣ**.

**ПАРМА** پرمه афзори оҳанинест барои сӯрох кардани чӯбу тахта *ва г.*

**ПАРМАВОР** پرمه‌وار монанди парма; тез, сӯрохкунанда.

**ПАРМАГАР** پرمه‌گر он ки бо парма кор мекунад; пармакунанда.

**ПАРМАКУНАНДА** پرمه‌کننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **парма кардан**. 2. он ки парма мекунад; бо парма сӯрохкунанда, пармагар.

**ПАРМАКУНӢ** پرمه‌کنی парма кардан: **дастгоҳи пармакунӣ**, **асбоби пармакунӣ**.

**ПАРМАОСО** پرمه‌آسا *ниг.* **пармавор**.

**ПАРМАСОН** پرمه‌سان мисли парма, пармавор, парма барин тезу гузаранда.

**ПАРМАХИДА** پرمخیده 1. мухолиф; худрой. 2. оқи падару модар, фарзанди нохалаф; лаънатшуда.

**ПАРМАЧОҲ** پرمه‌چاه чоҳи чуқуртарини мудаввbooрест, ки ба воситаи дастгоҳи пармакунӣ ҳафр шудааст.

**ПАРМОС** پرماس 1. *кит.* раҳоӣ, халосӣ. 2. ламс, ломиса.

**ПАРМОСИДАН** پرماسیدن 1. ломиса кардан, бо даст чизеро молидан, даст-даст кардан. 2. ёзидан, дароз кардан. 3. *маҷ.* донистан, шинохтан. 4. *маҷ* . хостан, писандидан.

**ПАРНИЁН** پرنیان 1. *боф.* шоҳии нозуки нақшдор, матои нафиси абрешимии гулдор. 2. *таър.* коғази нафиси аз ҳарир сохташуда барои навиштани хат.

**ПАРНИЁНӢ** پرنیانی *кит. мансуб ба* **парниён**; аз парниён дӯхташуда.

**ПАРНИЁНПӮШ** پرنیان پوش *кит.* ҳарирпӯш, он ки матои нафиси ҳарирӣ пӯшида.

**ПАРНО** پرنا *кит., ниг.* **паран**.

**ПАРНОК** پرناک пардор; болдор.

**ПАРНУН** پرنون *кит.* дебои мунаққаш, ҳарири пурнақш, бисёр нозук ва латиф; парнӯ, парно.

**ПАРНӮ** پرنو *ниг.* **парнун**.

**ПАРОВАР** پرآور *кит.* парвозкунанда.

**ПАРОКАНДА//ПАРОГАНДА** پراکنده//پراگنده

1. *сифати феълии замони гузашта аз* **пароkандан**. 2. парешон, мутафарриқ, бетартиб, бенизом: **ашъори пароканда** шеърҳои парешони шоир, ки аз сарчашмаҳои гуногун ҷамъоварӣ шудаанд. 3. бе тартиби муайян, титу пит; ҳарҷо-ҳарҷо; **пароканда гардидан (шудан)** ба ҳар тараф ҷудо шуда рафтан, мутафарриқ шудан (*мас., ҷамъи одамон*); парешон (дарҳаму бarҳам) шудан; аз байн рафтан; **пароканда кардан (намудан)** мутафарриқ кардан, парешон кардан, пошида титу пит кардан (чизи тӯбшударо).

**ПАРОКАНДААҲВОЛ** پراکندهاحوال парешонҳол, музтариб.

**ПАРОКАНДАГӢ** پراکندگی 1. *шакли дигари сифати феълии замони гузашта аз* **пароkандан**. 2. мутафарриқӣ, парешонӣ; бетартибӣ; бенизомӣ. 3. *маҷ.* вайронӣ, вазнинии аҳвол; нобудшавӣ.

**ПАРОКАНДАГӮЙ** پراکندهگوی беҳудагӯй, парешонгӯй.

**ПАРОКАНДАДИЛ** پراکندهدل парешонхотир.

**ПАРОКАНДАКУНӢ** پراکندکنی *исми амал аз* **пароканда кардан**; парешон сохтан; аз ҳам ҷудо сохтан; титу пит кардан.

**ПАРОКАНДАН** پراکندن 1. пароканда кардан, парешон сохтан. 2. мунташир кардан (*мас., хитобномаеро*).

**ПАРОКАНДАРИЗҚ** پراکندهرزق ризқаш парешон; ба ҳар ҷо раванда, ба ҳар ҷо рӯз гузаронанда.

**ПАРОКАНДАРӮЗ** پراکندهروز бадҳол, ошуфтаҳол, парешонрӯзгор.

**ПАРОКАНДАХОТИР** پراکندهخاطر хотирпарешон, мушаввaш; парешонхотир.

**ПАРОКАНДАХОТИРӢ** پراکندهخاطری *исми амал аз* **пароканда хотир будан**; парешонхотир будан, парешонхотирӣ.

**ПАРОКАНДАҲОЛ** پراکندهحال *ниг.* **парешонаҳвол**.

**ПАРОКАНДАШАВӢ** پراکندهشوی *исми амал аз* **пароканда шудан**; парешон шудан.

**ПАРОКАНИШ** پراکنش 1. *исми феълӣ аз* **пароkандан**; пароканда шудан. 2. *риёз.* миқёси пароканда шудан ва аз андозаи миёна дур шудан, дисперсия.

**ПАРОКӮҲ** پراکوه *кит.* он тарафи кӯҳ.

**ПАРОЛАК** پرالک *ниг.* **палорак**.

**ПАРОМ** *р.* پرام як навъ кемаи саҳнвасеъ, ки одамон, ҳайвонот ва воситаҳои нақлиётро аз як тарафи дарё ба тарафи дигараш мегузаронанд; амад.

**ПАРОМРОН** پرامران он ки паромро идора мекунад.

**парон** پران 1. *асоси замони ҳозира аз* **парондан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* паронанда: **мӯшакпарон**, **сангпарон**, **магаспарон**.

**ПАРОН** I پران паранда, парвозкунанда, чизе, ки дар ҳолати паридан аст: **тири парон**, **мушаки парон**; **парон рафтан** а) парида рафтан (*бо шитоб ва бо суръат рафтан*); б) чаққон будани бозори чизе; **парон-парон** тир парондан, тирандозӣ; тирпаронии бисёр.

**ПАРОН** II پران **:ҳукми парон** ҳукми парондан.

**ПАРОНАНДА** پراننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **парондан**; он ки мепаронад.

**ПАРОНДАН** پراندن 1. андохтан, партофтан, ҳаво додан; задан; **санг парондан**. 2. тирборон кардан, тир андохта куштан. 3. ҷунбондан, ҳаракат додан: **мижа парондан**, **чашм парондан**, **қош парондан**. 4. *маҷ.* овардан, гирифта бурдан; гирифта овардан (*мас., бод чизеро*); ◊ **кадом шамол паронд**? (*дар вақти тасодуфан омадани шахси шинос ва наздик гуфта мешавад*); аз куҷо омадӣ? **гап парондан** гап партофтан, ба касе расонида чизе гуфтан; гапи киноямез гуфтан; **пинаки** *касеро* **парондан** а) ба пинаки касе монеъ шудан; б) *маҷ.* касеро тарсонда мондан; **хоби** *касеро* **парондан** бедор кардан *касеро*, ба хоб рафтани касе монеъ шудан.

**ПАРОН(И)ДАН** پراندن//پرانیدن *тарзи бавоситаи* **парондан**.

**ПАРОНИШ** پرانش *исми феълӣ аз* **парондан**; тирборон кардан.

**ПАРОНХӮЧА** پرانخوجه *маҷ.* одаме, ки зуд-зуд ҷои корашро иваз мекунад.

**ПАРОНЧА** پرانچه парандаи навпарвоз; **паронча шудан** нав ба паридан шурӯъ кардан (паранда).

**ПАРОНЧАК** پرانچک *шакли тасғири* **паронча**; 1. қудрати парвоз пайдо кардани парандаи

хурд, ба парвоз сар кардани мурғҷуҷа; **паРончак кардан** паридан омӯхтан; ба парвоз тайёр кардан; **парончак шудан** қобилияти парвоз пайдо кардан. 2. *киноя аз* лаёқат пайдо кардан ба коре; ба воя расидан.

**ПАРОШИДАН** پراشیدن *кит.* 1. парешон кардан, парокандан. 2. пошидан, афшондан.

**ПАРПАНАК** پرپنک **:парпанак задан** а) болу пар задан, тапидан (-и парандаҳо); б) аз паи коре бо иштиёқи зиёд шитобкорона рафтан; **парпанак рафтан (задан)** гирди касе даводав кардан.

**ПАРПАР** پرپر чинчини ҳамвори баробаррах; чиндор: **гиребони парпар**.

**ПАР-ПАР** پرپر *калимаи тақлидӣ ба маънии* лап-лап, пир-пир; **пар-пар кардан** лап-лап тофтан, намоён шудан.

**ПАРПАРА** پرپره *кит.* фулус ё тангаи бисёр хурд ва тунук.

**ПАРПАРОН** پرپران *гуфт.* парон, дар ҳолати паридан; тез босуръат.

**ПАРПАҲН** پرپهن *бот.* растание, ки дар сари роҳҳо ва ҷойҳои нам мерӯяд ва онро хурфа ҳам мегӯянд.

**ПАРПЕЧ** پرپیچ матое, ки кӯдаки хурдсолро ба он печонида ба даст мегиранд: **кӯдаки парпеч**.

**ПАРПӢ** پرپی 1. *бот.* решаи дармана, ки аз он дору тайёр мекунанд: **қивоми парпӣ**. 2. давое, ки табибон барои дарди хала медоданд.

**ПАРПО(Й)** پرپا(ی) парандае, ки дар пояш пар дорад; **кабӯтари парпой** кабӯтар, ки пойҳояш пардор аст.

**ПАР(Р)А** پره 1. паҳлӯи тез ё дандонадори ягон чиз, баромадагии рахи ягон чизе; қирра. 2. паҳна, пар; қанот; **парраи осиё** дандонаи чархи осиё; ҳар як аз дандонаи чархи осиё, ки ба чубчак пайваст мешавад. 3. канора, тараф; **парраи бинӣ** нармаи чапу рости бинӣ; канораҳои бинӣ; **парраи гӯш**. 4. забончаи қулф; ◊ **парраи қулф бар калид задан** коре бар хилоф кардан.

**ПАР(Р)АДОР** پره دار дандонадор; рахдор, қиррадор.

**ПАР(Р)АК** پرک *шакли тасғири* **пара**: **паракҳои бинӣ**.

**ПАРРЕЗӢ** پرریزی рехтани пар, пар партофтан (-и парандагон), тулак.

**ПАРРЕХТА** پرریخته 1. парандае, ки парашро партофта бошад; бепару бол. 2. *маҷ.* оҷиз, нотавон.

**ПАРРИК** پریک чархест ҷуфтпара барои печонидани ресмон ё калоба дар касби бофандагӣ.

**ПАРСИНБАСТА** پرسینبسته *ниг.* **парсингбаста**.

**ПАРСИНГ** پرسینگ *гуфт.* қабати хушкидаи рӯи чизе; хушкида кафидани рӯи чизе; **парсинг бастан** хушкида кафидани рӯи чизе, қабати иловагӣ пайдо карда кафидани рӯи чизе.

**ПАРСИНГБАСТА** پرسینگبسته *гуфт.* рӯи чизе, ки хушк шуда кафидааст, қабати иловагии хушкидаи рӯи чизе: **лабони парсингбаста**.

**ПАРСӮХТА** پرسوخته 1. паранда, ки параш сӯхтааст, бепар, бе болу пар. 2. *маҷ.* оҷиз, нотавон; ноумедшуда.

**ПАРТ** I پرت **:парт кардан** латта ё чармеро аз тафси оташ дарҳам кашидаву нимсӯхта гардонидан; **парту бирён кардан** *киноя аз* нобуд кардан; **парт шудан** а) аз тафси оташ паридаранг ва фасурда шудан; б) парканда шудан, пӯстканда шудан; тит шудан, аз ҳам ҷудо шуда рехтан.

**ПАРТ** II پرت *кит.* 1. нораво, он чи аз эътибор соқит аст. 2. дурафтода, дур; **парт афтодан** дур афтодан; ◊ **аз роҳ парт**! аз роҳ дур шав! як сӯ шав!

**ПАРТАВ** I پرتو 1. шуоъ, акс, фурӯғ, нур, шӯъла (-и офтоб, *моҳ, чароғ ва ғ.*); **партав афгандан (фикандан)** нур пошидан, шӯъла фишондан; **партав пошидан** шӯъла афшондан; **партав афшондан (фишондан)** нур пошидан; **партав додан** шӯъла пошидан. 2. *маҷ.* авҷ; зери…, тахти…; **дар партави шӯҳрат** дар авҷи шӯҳрат; **дар партави** *чизе, касе* дар тахти чизе, касе; ◊ **дар партави ҳидояти устод** дар зери роҳнамоии омӯзгор.

**ПАРТАВ** II پرتو 1. он чи фурӯшанда баъд аз савдо ба харидор иловагӣ медиҳад, партов; **партав кардан** бепул додан, ба тарзи илова ба чизи харидашуда ҳамроҳ карда додан. 2. ҳар чизи барзиёд партофтанӣ; **оби партав**, **партави ошхона**; **дари партав** дари хурди иловагии хона ё ҳавлӣ.

**ПАРТАВАНДОЗ** پرتوانداز *ниг.* **партавафшон**.

**ПАРТАВАФКАН** پرتوافکن *ниг.* **партавафшон**.

**ПАРТАВАФКАНӢ** پرتوافکنی *ниг.* **партавафшонӣ**.

**ПАРТАВАФШОН** پرتوافشان 1. нурафшон, рӯшноидиҳанда, нурпош, равшанибахш. 2. дурахшанда, тобон, ҷилодор.

**ПАРТАВАФШОНӢ** پرتوافشانی нурпошӣ, нурафшонӣ; **партавафшонӣ кардан** нурпошӣ кардан, шӯълаафшонӣ кардан.

**ПАРТАВДАРМОНӢ** پرتودرمانی *нав., тиб.* ба воситаи нурҳои радиатсионӣ табобат кардани беморон, радиотерапия.

**ПАРТАВСАНҶ** پرتوسنج *нав.* абзоре, ки партов ва андозаи онро муайян мекунад, радиометр.

**ПАРТАВФИКАН** پرتوفکن *ниг.* **партавафкан**.

**ПАРТАВШИНОС** پرتوشناس *тиб.* ихтисосманди риштаи партавшиносӣ, радиолог.

**ПАРТАВШИНОСӢ** پرتوشناسی *нав., тиб.* таҳқиқ ва пажӯҳиши нурҳои радиатсионӣ, радиология.

**ПАРТГОҲ** پرتگاه *кит.* 1. ҷои чуқурӣ бетаг, ҷарӣ. 2. *маҷ.* ҷои пурхавфу хатар, ҷои душворгузар. 3. *геол.* беҷошавии табақаи замин уфуқан ё амудан; ярчканд.

**парто** پرتا *асоси замони ҳозира аз* **партофтан**; **парто-парто** якчанд бор ба рӯи даст бардошта фаровардан; **парто-парто кардан** ба рӯи даст ба ҳаво бардошта фаровардан.

**ПАРТОБ** پرتاب 1. партофтан, ҳаво додан; **партоб кардан** андохтан, партофтан, ҳаво дода. 2. масофаи байни ҷои тир андохтан ва афтондани он; масофаи тайкардаи тир. 3. тире, ки бисёр дуррав аст. 4. *кит.* париш, парвоз (*сайри хаёлӣ*); **дар партоб будан** дар ҳолати париш, дар аснои сайр будан.

**ПАРТОБИДАН** پرتابیدن *кит.* партоб кардан, партофтан, раҳо намудан, ҳаво додан.

**ПАРТОБӢ** پرتابی 1. партобшуда, раҳошуда, андохта, ҳаво дода. 2. тирандоз.

**ПАРТОБШИНОСӢ** پرتابشناسی илме, ки самти партоби тиру гулулаҳоро меомӯзад, баллистика.

**ПАРТОВ I** پرتاو 1. пасмонда, боқимонда (*пас аз истеъмол*); **партовҳои истеҳсолот**. 2. хасу хошок, ахлот; **партову пасмонда**. 3. партофташуда, ба ҳоли худ мондашуда, бенигоҳубин, бекора: **ҳавлии партов**; **партов шудан** бенигоҳубин шудан; бекора шудан, аз кор баромадан.

**ПАРТОВ II** پرتاو 1. *ниг.* **партав** II. 2. дари партав.

**ПАРТОФТАН** پرتافتن 1. андохтан, ҳаво додан. 2. мондан, гузоштан; бор кардан; **ба китф партофтан** (*мас., ҷуволро*). 3. бас кардан, қатъ кардан, тарк кардан: **корро партофтан**, **одати бадро партофтан**, **хонданро партофтан**. 4. ҳаво додан, андохтан. 5. поин фаровардан, овезон кардан. 6. густурдан, паҳн кардан: **дастархон партофтан**. 7. пӯшидан, гирифтан. 8. хориҷ кардан, дур кардан. 9. кашидан, нақш кашидан: **гул партофтан**, **нақш партофтан**. 10. *маҷ.* рондан, пеш кардан: **ба кӯча партофтан**; **партофта рафтан** дар ҷое гузошта рафтан, бе парастор монда рафтан; **ақиб партофтан** а) ба қафо гузоштан; б) кашол додан (*кореро*, *масъалаеро*); **бурида партофтан** қатъ кардан; **гирифта партофтан** дур кардан, дур андохтан; **лангар партофтан** лангар андохта қарор гирифтан(-и киштӣ); **оварда партофтан** фуровардан, монда рафтан; **пой (қадам) партофтан** қадам мондан, рафтан; **афшонда партофтан** *касеро ба касе* гапҳои сахт гуфта ӯро мулзам сохтан; танбеҳ додан; **бача партофтан** исқот, исқоти ҷанин кардан; **гап партофтан** ба *касе* расонида гап задан; пичинг задан; **луқма партофтан** гап парондан, эрод гирифтан; **шиппонда партофтан** *касеро ниг.* **афшонда партофтан** *касеро*.

**ПАРТШУДА** پرتشده *сифати феъли замони гузашта аз* **порт шудан**; пашмрехта (*аз таъсири оташ*); титупитшуда.

**ПАРУБОЛРЕХТА** پروبالریخته *ниг.* **паррехта**.

**ПАРУБОЛСӮХТА** پروبالسوخته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **пару бол сӯхтан**. 2. *маҷ.* беқарор, боизтироб: ◊ **мисли мурғи партуболсӯхта хеле беқарор**.

**ПАРӮ** پرو *гуфт.* чаппа, поскуно, сарозер; **парӯ афтодан** чаппа шуда афтодан; **парӯ гузоштан** чаппа гузоштан; **парӯ шудан** чаппа шудан, сарозер гаштан.

**ПАРФИШОН** پرفشان *ниг.* **парафшон**.

**ПАРФИШОНӢ** پرفشانی *ниг.* **парафшонӣ**.

**ПАРХОШ** پرخاش *кҳн.* 1. ҷанг, ҷанҷол. 2. итоб;

гапи сахт; **пархош ҷустан** хусумат кардан. 3. *маҷ.* зулм, ситам.

**ПАРХОШГАҲ** پرخاشگه *ниг.* **пархошгоҳ**.

**ПАРХОШГОҲ** پرخاشگاه *кит.* майдони ҷанг, ҷанггоҳ.

**ПАРХОШДИДА** پرخاشدیده *кит.* он ки таҷриба ва собиқаи зиёди ҷангӣ дорад; ҷангдида, ҷангозмуда.

**ПАРХОШКЕШ** پرخاشکیش *кит.* ҷанговар, мубориз.

**ПАРХОШСОЗ** پرخاشساز *кит.* ҷангҷӯй, мубориз.

**ПАРХОШҶӮЙ** پرخاشجوی *кит.* ҷангҷӯ; ҷангара.

**ПАРҲЕЗ** پرهیز 1. худдорӣ аз чизе (*аз хӯрдани хӯроке, ё амале*), иҷтиноб, ҳазар, канорагирӣ; **парҳез кардан** худдорӣ кардан аз чизе, нахӯрдани хӯрокие ба сабаби беморӣ; **парҳез шикастан** ба парҳез эътибор надода чизи носозеро хӯрдан. 2. *маҷ.* порсоӣ, тақво.

**ПАРҲЕЗГОР** پرهیزگار 1. он ки аз корҳои бад худдорӣ мекунад, худдорикунанда. 2. порсо, тақводор.

**ПАРҲЕЗГОРӢ** پرهیزگاری 1. худдорӣ кардан аз корҳои бад, аз истеъмоли хӯроки зиёд *ва г.* 2. порсоӣ, тақводорӣ; тарки дунё, аскетизм.

**ПАРҲЕЗИДАН** پرهیزیدن 1. дурӣ кардан, худро дур нигоҳ доштан; худдорӣ кардан. 2. ҳазар кардан, тарсидан.

**ПАРҲЕЗӢ** پرهیزی 1. парҳезгор; парҳезриояькунанда. 2. чизи барои парҳез истифодашаванда; **тағораи парҳезӣ** тағораи шустушӯ; **ошхонаи парҳезӣ** ошхонае, ки таомҳои хоси беморонро тайёр мекунад; **хӯроки парҳезӣ** хӯроки хос барои бемор.

**ПАРҲЕЗКОР** پرهیزکار *ниг.* **парҳезгор**.

**ПАРҲЕЗКОРӢ** پرهیزکاری *ниг.* **парҳезгорӣ**.

**ПАРҲЕЗОНА** پرهیزانه таоме, ки ба беморон медиҳанд; хӯроке, ки табиб ба бемор фармудааст.

**ПАРҲУН** پرهون *кит.* доира, ҳалқа, чанбар; ҳар чизи доирашакл, тавқ; ҳола, хирмани моҳ; **парҳун кашидан** доира кашидан, ҳалқа намудан, иҳота кардан.

**ПАРЧА I** پرچه 1. *ниг.* **порча**. 2. қитъа; **як порча замин** як бӯлак замин. 3. фикра, як ҳисса аз навиштаҷот; **парча-палос** гилему палосҳои кӯҳна; чизу чора, майда чуйдаи хона; **парча-парча** қисм-қисм, ҳисса-ҳисса; **парча-парча кардан** ба ҳиссаҳо тақсим кардан.

**ПАРЧА II** پرچه *боф.* зарбафт, зарбофт, кинхоб, дебо.

**ПАРЧАБУРӢ** پرچه‌بری он чи парча мебурад; **қайчии парчабурӣ** қайчие, ки ба воситаи он матоъ бурида мешавад.

**ПАРЧАГУЛ** پرچه‌گل *боф.* нақши гулаш калон-калон; матое, ки нақши гули калон-калон дорад.

**ПАРЧАМ** پرچم *кит.* 1. байрақ, ливо. 2. пӯпаки абрешимин, ки ба байрақ баста мешавад.

**ПАРЧАМДОР** پرچمدار 1. он ки парчам дорад; байрақдор. 2. *маҷ.* пешсаф, пешрав.

**ПАРЧАМДОРӢ** پرچمداری парчамдор будан, байрақбардорӣ, ҳомии байрақ.

**ПАРЧАМӢ** پرچمی *мансуб ба* **парчам**; монанд ва ба ранги парчам.

**ПАРЧИН I** پرچین 1. бо мех сахт часпондашуда, бо мех кӯфта сахт пайвастшуда; **парчин кардан** мех зада часпондан; **ба замин парчин шудан** *маҷ.* ба замин сахт часпидан. 2. *кит.* ҳисор ё деворе, ки ба гирди боғ ё киштзор месозанд; девор.

**ПАРЧИН II** پرچین *меъ.* сафолпорае ки барои ороиши биноҳо кор мефармоянд.

**ПАРЧИНКОР** پرچینکار он ки парчин мекунад.

**ПАРЧИНКОРӢ** پرچینکاری 1. парчин кардан. 2. пайванд бо ёри парчимехҳо.

**ПАРЧИНМЕХ** پرچینمیخ милаи мудавваре, ки як нӯгаш аз саракҳои тайёри нимгирда ва нӯги дигараш аз саракҳои парчинкунанда иборат аст.

**ПАРЧИНПАЙВАНД** پرچینپیوند пайванд намудани чизе бо парчинмех.

**ПАРШИКАСТА** پرشکسته 1. болу пар шикаста. 2. *маҷ.* оҷиз, нотавон; ноумед, парсӯхта.

**ПАС** پس 1. ақиб, пушт, қафо; *муқоб.* **пеш**. 2. сонӣ, баъд, баъд аз он; **пас аз**... баъди..., баъд аз...; **пас аз он** баъди он, баъд аз он; **аз**

**ин пас**, **пас аз ин** баъд аз ин, минбаъд; **як рӯз пас** баъди як рӯз; **пас андохтан (партофтан)** иҷрои кореро ба қафо партофтан, ба таъхир андохтан, дер монондан; **пас гардондан** а) ба ақиб гардондан; б) гардонда додан (*мас., қарзро*); **пас гаштан** баргашта рафтан, ақиб гаштан; **пас нишастан** ақибнишинӣ кардан (*дар ҷанг ё дар масъалае*); **пас омадан** баргаштан, гашта омадан; **пас рафтан** а) ба қафо рафтан, баргаштан; б) ақиб мондан, таназзул кардан; *муқоб.* **пеш рафтан**; **пасу пеш рафтан** ин тарафу он тараф гаштан. 3. *збш. бе изофа ё бо изофа ва пешоянд ҳамчун пешоянди номии таркибӣ маъноҳои гуногунро ифода мекунад;* **паси...** аз ақиби..., дар қафои..., баъди...; **пасу пеш** а) пешу қафо; б) пайи ҳам, аз ақиби якдигар; **паси ҳам** пайи ҳам, пайи якдигар; **аз паси...** а) аз пайи...; аз қафои..., аз ақиби...; б) аз паи..., барои иҷрои....; **аз паси ин** баъд аз ин; **ба (дар) паси...** ба ақиби;... ба пушти, ба қафои; дар пушти...: **дар паси кӯҳ**; **пешу пас** тарафи рӯю тарафи ақиб. 4. аз ин мебарояд, ки..., маълум мешавад, ки..., аз ин рӯ, дар ин сурат. 5. дар охир, оқибат; он гоҳ, он вақт; **пас задан** (*кореро, чизеро*) беэътибор гардонидан, кам шуморидан; **паси сар кардан (мондан)** воқеаро аз сар гузаронидан, марҳилаеро тай кардан; гузашта рафтани ҳодиса; **пас мондан** қафо мондан, ақиб мондан; **паси сар хоридан** ҳайрон мондан; ночор шуда мондан; **пасу пешро дидан** вазъиятро муайян кардан, вазъиятро аз назар гузаронидан ва ба эътибор гирифтан; **аз паси** *касе* **рафтан** ба *касе* пайравӣ намудан; кори касеро давом додан; **дар паси** *касе* **будан** мададгор будан, ҳомӣ будан; **бало ба пасаш**! ҳар балое, ки бошад, ба худаш!

**ПАСАЗҶАНГӢ** پس‌ازجنگی давраи баъдиҷангӣ (*бештар дар мавриди баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ гуфта мешавад*).

**ПАСАНД** پسند *ниг.* **писанд**.

**ПАСАНДА** پسنده **:пасанда кардан** *гуфт.* хобондан, хомӯш кардан; фурӯ нишондан; **пасанда шудан** хобидан, хомӯш шудан, паст шудан.

**ПАСАНДЕШ** پس‌اندیش 1. он ки дар бораи айёми гузашта андеша мекунад; *муқоб.* **пешбин**. 2. он ки оқибат ваояндаи худро андеша мекунад, оқибатбин, дурбин.

**ПАСАНДОЗ** پس‌انداز чизи захирашуда, чизи аз хароҷот пас мононда, захира; **пасандоз кардан** захира кардан; сарфаҷӯӣ карда маблағеро барои эҳтиёт нигоҳ доштан.

**ПАСАФКАНД** پس‌افکند 1. *кит.* пасандоз, андӯхта. 2. натиҷа, паёмад. 3. *ниг.* **пасафканда**.

**ПАСАФКАНДА** پس‌افکنده саргини чорпо ва парандагон.

**ПАСАФТОДА** پس‌افتاده 1. ақибафтода, ақибмонда, пасмонда. 2. *маҷ.* ба дунё омада, ба вуҷуд омада.

**ПАСАФТОДАГӢ** پس‌افتادگی ақибмонда, пасафтода будан.

**ПАСВАНД** پسوند *збш.* қисми калимае, ки пас аз реша меояд ва маънои онро тағйир медиҳад, пасоянд.

**ПАСИН** پسین 1. баъдӣ; охир, охирин; **рӯзи пасин** *маҷ.* рӯзи марг, рӯзи вафот. 2. пайравикунанда. 3. вақти рӯз (*мобайни пешин ва гуруби офтоб*); вақти аср.

**ПАСИНА** پسینه *ниг.* **пасин** 1.

**ПАСИНГОҲ** پسینگاه *кит.* бегоҳӣ, аср.

**ПАСИНИЁН** پسینیان *кит., исми ҷомеъ аз* **пасояндагон**; мутааххирин.

**ПАСИПАРДАГӢ** پسپردگی он чи дар ақиби парда рӯх медиҳад; махфӣ, пӯшида: **гуфтугӯзори пасипардагӣ**.

**ПАСИПО** پسپا **:пасипо задан** а) ба эътибор нагирифтан, писанд накардан; б) ба ақиби пои касе задан дар мусобиқаҳои варзишии гуштингирӣ ё дар ҷанги тан ба тан.

**ПАСИЧ** پسیچ *ниг.* **басич**.

**ПАСИЧИДАН** پسیچیدن *ниг.* **басичидан**.

**ПАСКАШ** پسکش он ки корро ба ақиб мекашад, ақибкаш; он ки дар масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, маданӣ монеи пешравист, муртаҷеъ.

**ПАСКАШӢ** پسکشی 1. ба қафо кашидан, ақибкашӣ. 2. *маҷ.* иртиҷоъ [консерватизм].

**ПАСКӮЧА** پسکوچه кӯчаи хурд, кӯчаи танг.

**ПАСҚАДАМ** پس‌قدم қафомонда; *муқоб.* **пешқадам**.

**ПАСМОНДА** پس‌مانده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **пас мондан**. 2. қафомонда, ақибмонда (аз касе дар коре). 3. боқимонда, боқимондаи хӯрок, пасхӯрда.

**ПАСМОНДАГӢ** پسماندگی 1. *шакли дигари сифати феълии* **пасмонда**. 2. қафомонӣ, ақибмонӣ.

**ПАСНИШИНӢ** پسنشینی ақибнишинӣ, қафоравӣ.

**ПАСНОГАРД** پسناگرد он ки ақиб намегардад, он ки ақибнишинӣ намекунад.

**ПАСНОКӢ** پسناکی ақибнокӣ, пуштнокӣ; ба ақиб: **паснокӣ гурехтан**; **паснокӣ рафтан** ба қафо нигоҳ карда рафтан.

**ПАСОБ** پسآب 1. оби истифодашуда. 2. оби чиркини ҷомашӯӣ.

**ПАСОВАНД** پساوند 1. *адш.* қофияи шеър. 2. *збш.* пасоянд.

**ПАСОВИДАН** پساویدن молидан, даст судан, ламс кардан.

**ПАСОДАСТ** پسادست бо нася, чизе, ки ба нася гирифта мешавад.

**ПАСОМАД** پسآمد паёмад; натиҷа.

**ПАСОПЕШ** پساپیش аз паси ҳам, яке аз пайи дигаре, пешу дунбол.

**ПАСОҲАН** پسآهن оҳане, ки мӯзадӯзон дар пушти пойафзол барои қолабрезӣ ва васеъ кардани кафш мегузоранд.

**ПАСОЧИН** پساچین меваҳои дар дарахт пас аз чидан боқимонда.

**ПАСОЯНД** پسایند он чи баъд меояд; *муқоб.* **пешоянд**. 2. *збш.* як қисми ҳиссаҳои ёварии нутқ, ки барои робитаи ҳиссаҳои мустақили нутқ хизмат мекунанд (*мас., пасоянди* **-ро**, **қатӣ** *ва г.*).

**ПАСОЯНДАГОН** پسایندگان насли минбаъда, мутааххирин.

**ПАСПАГОҲ** پسپگاه *гуфт., ниг.* **пасфардо**.

**ПАСПОРТ** *ит.* پسپارت *ниг.* **шиноснома**.

**ПАСРАВӢ** پسروی ақибравӣ; ақибнишинӣ.

**ПАСТ** پست 1. зер, поён, таҳ; *муқоб.* **боло**. 2. поён, нишеб, пастӣ. 3. кӯтоҳ, калта; **қади паст**. 4. суст, заиф, оҳиста (*дар бораи овоз*); **овози паст**. 5. кам; каммиқдор, **намакаш паст**, **музди кораш паст**. 6. бадсифат, *муқоб.* **аъло**, **хуб**; **коғази паст**, **сифаташ паст**. 7. *маҷ.* нокас, ноодам, бад, ногувор; забун; разил, сифла, фурӯмоя (*сифати одам*); **паст омадани ҳаво** сербориш будани ҳаво; **пасту баланд** нишебу фароз, поёну боло, ноҳамвор, ноҳамворӣ, **пасту баланди роҳ**, **пасту баланди зиндагӣ**; **паст задан** бад кардан, беэътибор гардонидан, ҳақир шуморидан (*касе*, *чизеро*); **паст кардан** а) оҳиста кардан, костан (*овозеро*); б) суст кардан, фурӯ нишондан; **паст наомадан (нафаромадан)** сустӣ накардан, тан надодан, таслим нашудан (*дар баҳс*); дар гуфтаи худ исрор кардан; **паст рафтан** поён шудан, кам шудан, суст шудан, беравнақ шудан; **паст фуромадан** поён шудан, кам шудан (*доир ба нарх, наво ва г.*); **пасту баланд гап задан** суханҳои сахту ногувор гуфтан; **паст шинондан** хобондан, фурӯ нишондан; **паст шудан** а) кам шудан, фуромадан; б) суст шудан, аз шиддати худ костан; пасанда шудан; **сар паст накардан** а) сар хам накардан; б) таслим нашуда; **паст-паст гап задан** оҳистаоҳиста, гап задан.

**ПАСТАК** پستک 1. *шакли тасгири* **паст;** на чандон баланд; **даричаи пастак, хонаи пастак.** 2. кӯтоҳқад, қадкалта; **одами пастак** одами кӯтоҳқад.

**ПАСТАКАК** پستککک *шакли тасгир ва навозишии* **пастак**: **суфачаи пастакак**.

**ПАСТАКЧА** پستکچه *шакли навозишии* **пастак**.

**ПАСТБОЛО** پستبالا пастқад, кӯтоҳқад.

**ПАСТГОНӢ** پستگانی *кҳн.* маоши лашкар, маблағ ё чизе, ки барои маоши лашкару сипоҳ ҷудо мегардид.

**ПАСТЗЕҲН** پستذهن кундзеҳн, камзеҳн, дорои дарк ва фаҳмиши суст.

**ПАСТӢ** پستی 1. поён будан, поёнӣ, фурӯдӣ; *муқоб.* **баландӣ.** 2. чуқурӣ, нишебӣ, пастхамӣ. 3. кӯтоҳӣ: **пастии қад**, **пастии сақф**. 4. сустӣ, заифӣ; савияи баланд надоштан. 5. *маҷ.* хорӣ, забунӣ, беқадрӣ; разилӣ, сифлагӣ, нокасӣ: **хорию пастӣ**; **пастӣ кардан** сифлагӣ кардан, нокасӣ кардан; ◊ **пастию баландии дунё** баду неки дунё; хушию нохушии зиндагӣ.

**ПАСТҚАД** پستقد қадпаст, қадаш паст, кӯтоҳқад; калта.

**ПАСТҚОМАТ** پستقامت *ниг.* **пастқад**.

**ПАСТМАЗМУН** پستمضمون мазмунаш паст ва каммазмун: **иншои пастмазмун**.

**ПАСТНАЗАР** پستنظر 1. назараш паст. 2. но-

мард, нокас.

**ПАСТНАЗАРӢ** پستنظری 1. пастназар будан. 2. номардӣ, нокасӣ.

**ПАСТНИҲОД** پستنهاد *ниг.* **пастфитрат**.

**ПАСТОБ** پستآب ҷои пасти об.

**ПАСТРАВАНДА** پسترونده *сифати феълии замони ҳозира аз* **паст рафтан**; поён шудан; камшаванда, сустшаванда.

**ПАСТРАВӢ** پستروی 1. паст рафтан, қафо рафтан. 2. таназзул.

**ПАСТСАҒРӢ** پستسغری 1. сурини паст доштан, рони паст доштан; пасткафал (*нисбат ба асп, хар ва г.*). 2. *маҷ.* пастқад (*нисбат ба асп, хар ва г.*).

**ПАСТСАЛИҚА** پستسلیقه он ки маҳорати хуби эҷодӣ надорад; камсалиқа, каммаҳорат, камистеъдод.

**ПАСТСИФАТ** پستصفت бо сифати паст, сифатан бад; бадсифат, дорои кайфияти паст.

**ПАСТСИФАТӢ** پستصفتی пастсифат будан, бадсифатӣ.

**ПАСТТИНАТ** پستطینت сифла, нокас, дун, разил, бадниҳод, пастниҳод.

**ПАСТТИНАТӢ** پستطینتی нокасӣ, разилӣ, лаинӣ, сифлагӣ; пастфитратӣ бадниҳодӣ, пастниҳодӣ.

**ПАСТТОЛЕЪ** پستطالع он ки кораш кам омад мекунад; назарногир, камбахт, шӯртолеъ.

**ПАСТФИТРАТ** پستفطرت лаин, разил, сифла; **одами пастфитрат** одами пастниҳод.

**ПАСТФИТРАТӢ** پستفطرتی лаинӣ, разилӣ, сифлагӣ, пастниҳодӣ.

**ПАСТХАМӢ** پستخمی хамгашти кӯҳ, девор; ҷое, ки рост набуда, аз назар пинҳон аст.

**ПАСТҲИММАТ** پستهمت ҳимматаш паст, беҳиммат, хасис.

**ПАСТҲИММАТӢ** پستهمتی беҳимматӣ, хасисӣ.

**ПАСТҶИНС** پستجنس аз ҷинси паст; аз мардумони нокас; разил, пастниҳод, пастфитрат.

**ПАСТШАВАНДА** پستشونده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **паст шудан**. 2. *збш.* пастраванда, сустшаванда (*нисбат ба овоз*); **задаи пастшаванда**.

**ПАСТШАВӢ** پستشوی 1. паст шудан; фуромадани чизе (*мас., об*); сустшавӣ. 2. камшавӣ.

**ПАСФАРДО** پسفردا як рӯз баъд аз пагоҳ.

**ПАСХАМ** پسخم чуқур, нишеб, пастхам.

**ПАСХАМӢ** پسخمی *ниг.* **пастхамӣ**.

**ПАСХЕЗ** پسخیز шогирди гӯштигир, ки баъд аз таълими гӯштигирӣ бо устоди худ гӯштӣ мегирад.

**ПАСХӮРДА** پسخورده боқимондаи хӯроки хӯрдашуда.

**ПАТ** پت 1. пашми нарме, ки аз таги мӯи ҳайвонот аз қабили буз ва гӯсфанд мебароянд, тибит. 2. қабати нарми пашммонанд, ки бар рӯи баъзе чизҳои бофта пайваста аст: **пати бахмал**, **пати қолин**. 3. аз пат бофташуда: **гилеми пат**.

**ПАТАК** پتک порчаи мулоими матоъ ё намад, ки барои нарм доштани пой дар даруни пойафзор гузошта мешавад; ◊ **патаку пайтоба шудан** саросема ба коре машғул шудан; дар атрофи *касе, чизе* чарх задан (барои хизмати вай); **кафшро монда ба патак (патакро пӯшида) гурехтан** сахт саросема шуда гурехтан.

**ПАТАКФУРӮШ** پتکفروش он ки патак мефурӯшад, фурӯшандаи патак.

**ПАТАКЧА** پتکچه *биол.* ҷонвари содатарини обӣ.

**ПАТАР**پتر *кит.* тангаи филизӣ, ки дар он тилисмот нақш мекунанд; таъвиз, тӯмор.

**ПАТАР-ПАТАР** پترپتر *калимаи тақлиди овоз*, ки паси ҳам баромадани овозеро ифода мекунад: **патар-патар кардан**.

**ПАТАРРОС** پتّراس *калимаи тақлиди овоз аз қабили* **патар-патар**; **патаррос задан** патар-патар кардан.

**ПАТВОЗ** پتواز *кит.* нишемангоҳи кабӯтар, боз ва дигар мурғони шикорӣ, ки аз ду чӯби ба замин кӯфташуда ва чӯби дигари болои он ниҳодашуда иборат аст.

**ПАТДОР** پتدار бофтае, ки ба рӯяш пат дорад, патнок: **гилеми патдор**.

**ПАТЕНТ** *лот.* پتینت 1. ҳуҷҷате ки соҳиби ихтироъ будани касеро тасдиқ мекунад. 2. шаҳодатнома барои тиҷорат, харидуфурӯш ва истеҳсоли моле *ва г.*

**ПАТЕФОН** *фр.* پتیفان *кӯҳн.* граммафони бекарнай.

**ПАТЁРА** پتیاره 1. офат, бало. 2. зишт, муҳиб, ҳавлнок, бадҳайбат. 3. инод, адоват, душманӣ. 4. *маҷ.* дев.

**ПАТИЛА** پتیله *ниг.* **фатила**.

**ПАТНОК** پتناک патдор, дорои пат.

**ПАТОЛОГИЯ** *ю.* پتالاگیه як қисми илми тиб, ки ҷараёни касалӣ ва ҳолати бадан, иллати пайдоиш ва сабабҳои бемориҳоро меомӯзад.

**ПАТОЛОГӢ** پتالاگی *мансуб ба* **патология**.

**ПАТФУЗ** پتفوز лабу лунҷ, гирдогирди даҳон.

**ПАХ** پخ *калимаи тақлиди овозе*, ки бо он гурба ва сагро меронанд.

**ПАХМОҚ** پخماق мӯйсар ва риши шона накарда ва ба ҳам печида.

**ПАХМОҚМӮ(Й)** پخماق مو(ی) мӯяш пахмоқ, ҷӯлидамӯй.

**ПАХНУ** پخنو *кит.* раъд, тундур.

**ПАХОЛ** پخال хошоки пояи шолӣ ё зағир баъди кӯфта шуданаш.

**ПАХОЛӢ//ПАХОЛИН** پخالی//پخالین *мансуб ба* **пахол**; аз пахол тайёршуда.

**ПАХОЛПӮШ** پخالپوش бо пахол пӯшида.

**ПАХСОН** پخسان *кит.* пажмурда, афсурдашуда (*аз дарду ғам*).

**ПАХТ** پخت *кит.* он чи дар зери пои одам, ҳайвон ё чизи дигар пахш шуда бошад; ◊ **рахту пахт** либосу анҷом, моликият.

**ПАХТА** پخته 1. гиёҳи алафии яксолаи зироативу коштанӣ бо баргҳои паҳну гулҳои зарду сафедранг ва тухми равғании дона-дона. . 2. ҳосили ин гиёҳ, ки сафедранг буда аз он нах мересанд ва барои саноати нассоҷӣ ашёи хом буда, аз тухми он равған ва маводи дигари саноатӣ ва хуроки чорво ҳосил мекунанд; нахи аз чигит тозакардаи онро ба кӯрпа, болиш ё ҷома низ меандозанд; **пахта барин** хеле нарм ва сафед; **пахтаи абрешим** *ниг.* **пахтаи маҳиннах**; **пахтаи маҳиннах** пахтае, ки нахаш маҳини борик аст; **пахтаи ҷойдорӣ** пахтаи маҳаллии навъаш тағйирнаёфта, ғӯза; **пахтаи мисрӣ** навъе аз пахта, пахтаи маҳиннах; ◊ **пахта дар гӯш доштан** сухан нашунидан, худро ба карӣ задан; **ба дами** *чизе* **пахта шудан** дами чизеро гардондан; ба чизе монеъ шудан.

**ПАХТАГИН** پختگین *ниг.* **пахтагӣ**; пахта андохта дӯхташуда, пахтадор, пахтанок: **камзӯли пахтагин**.

**ПАХТАГӢ** پختگی аз пахта бофташуда: **газвори пахтагӣ**.

**ПАХТАҒУНДОРӢ** پخته‌غنداری пахтачинӣ.

**ПАХТАДОР** پخته‌دار пахта андохта дӯхташуда, пахтанок: **ҷомаи пахтадор**.

**ПАХТАЗОР** پخته‌زار майдони киштзори пахта.

**ПАХТАКАШ** پخته‌کش он ки пахтаро аз ғӯза ҷудо карда ҳаллоҷӣ кор карда чигиташро мегирад.

**ПАХТАКАШӢ** پخته‌کشی амали аз ғӯза ҷудо карда аз чигит тоза намудани пахта.

**ПАХТАКАШОНӢ** پخته‌کشانی аз як ҷо ба ҷои дигар кашондани пахта.

**ПАХТАКОР** پختکار он ки пахта кишт мекунад, он ки пахта мерӯёнад.

**ПАХТАКОРӢ** پختکاری соҳаи пахта коридан; кишти пахта, парвариши пахта, пахтарӯёнӣ.

**ПАХТАНОК** پختناک либоси пахта андохта дӯхташуда: **камзӯли пахтанок**, **ҷомаи пахтанок**.

**ПАХТАРЕСӢ** پخته‌ریسی пахта ресидан, аз пахта нах тайёр кардан, ресидани нахи пахта.

**ПАХТАСЕБ** پخته‌سیب як навъ себи сафедранг.

**ПАХТАСОЗӢ** پخته‌سازی бо сабадчӯб зада титу пахмоқ кардани пахта.

**ПАХТАСУПОРӢ** پخته‌سپاری супоридани пахта (*ба хирман, ба корхона ва г.*).

**ПАХТАТОЗАКУНӢ** پخته‌تازه‌کنی тоза кардани пахта аз чигит; **корхонаи пахтатозакунӣ** корхонае, ки пахтаро аз чигит тоза карда той мебандад.

**ПАХТАХУШККУНАК** پخته‌خشک‌کنک афзоре,

ки бо ёрии он пахтаро хушк мекунанд.

**ПАХТАХУШКОНӢ** پختەخشکانی пахтаи намро хушк кардан.

**ПАХТАЧИН** پختەچین он ки пахта мечинад, он ки ба ҷамъоварии пахта машғул аст.

**ПАХТАЧИНӢ** پختەچینی пахта чидан; пахтағундорӣ; ҷамъоварии пахта; **мошини пахтачинӣ** мошини махсус (комбайн), ки ду ё чор қатори (чӯяки) пахтаро якбора мечинад.

**ПАХТАЧӢ** پختچی *таър.* он ки бо хариду фурӯши пахта машғул мешуд.

**ПАХТАҶАЛЛОБ** پختەجلاب *таър.* ҷаллоби пахта; он ки пахтаро харида бо нархи гарон мефурӯхт, пахтафурӯш.

**ПАХТАҶАЛЛОБӢ** پختەجلابی *таър.* хариду фурӯши пахта бо фоидааш, ки пахтаҷаллобон мекарданд.

**ПАХТАШИНОС** پختەشناس мутахассиси парвариши пахта.

**ПАХТАШОНАКУНӢ** پختەشانەکنی шона карда барои ресидан тайёр кардани пахта (*мас., дар корхона*).

**ПАХШ** I پخش :**пахш кардан** а) зер кардан, пачақ кардан; б) гузоштан, зер кардан, часпондан; в) фаро гирифтан, пӯшондан; **рӯдро пахш кардани рег**; г) хобондан, паст кардан; д) паҳн кардан; афшондан; **нур пахш кардан** нур парокандан; **мӯҳр пахш кардан** мӯҳр задан; **тухм пахш кардан** болои тухм хобидани мурғ; **хоб пахш кардан** касеро хоб зер кардан, ғалаба кардани хоб ба *касе*; **пахш карда даромадан** зер карда даромадан (*бе иҷозат*); ҳамла кардан; **пахш шудан** а) маҷақ шудан; фишори сахт дидан; б) *маҷ.* мағлуб шудан.

**ПАХШ** II پخش 1. паҳн кардан, паҳншуда (*мас., садо, овоза, ахбор ва г.*). 2. шунавонидан ё намоиш додани барномаҳо тариқи радио ва телевизион: **пахши ахбор**, **пахши мустақим**, **пахш кардан** а) паҳн намудан; б) расонидан (*тавассути радио ва телевизион*).

**ПАХШКУНӢ** خشکنی 1. пахш кардан, ба замин хобонда фишор додан. 2. ҳамла кардан.

**ПАХШОПАШ** پخشاپش пахш кардани бисёр; бардору зан, талотӯб.

**ПАХШХӮРДА** پخشخورده пахшшуда.

**ПАҲЛАВИШИНОС** پهلوی‌شناس он ки забони паҳлавиро медонад ва ба таҳқиқу пажӯҳиши он машғул аст, мутахассиси забони паҳлавӣ.

**ПАҲЛАВӢ** پهلوی 1. *мансуб ба* давраи Ашкониён ва Сосониён ё мардуми он давра (*асрҳои аввали баъд аз милод то асри VII*): **забони паҳлавӣ**. 2. номи хате, ки дар аҳди Сосониён мустаъмал будааст: **хати паҳлавӣ.**

**ПАҲЛАВОН** پهلوان 1. зӯрманд, пурзӯр; далер. 2. гӯштингир; ◊ **паҳлавони сари деги ош** шахси пурхӯри меҳнатгурез.

**ПАҲЛАВОНЗОДА** پهلوانزاده фарзанди паҳлавон, он ки аз хонадони паҳлавонон аст.

**ПАҲЛАВОНӢ** پهلوانی 1. *мансуб ба* **паҳлавон**. 2. пурзӯрӣ, боқувватӣ, шуҷоат, диловарӣ; **доди паҳлавонӣ додан** қаҳрамонӣ ва шуҷоат нишон додан, дар паҳлавонӣ мумтоз будан.

**ПАҲЛАВОНОНА** پهلوانانه мисли паҳлавон; пурқувват, зӯр: **бозувони паҳлавонона**.

**ПАҲЛАВОНПАЙКАР** پهلوانپیکر қавиҷусса, тануманд.

**ПАҲЛАВОНСУРАТ** پهلوانصورت *ниг.* **паҳлавонҷусса**.

**ПАҲЛАВОНҶУССА** پهلوانجثه бузургҷусса, қавипайкар; паҳлавонпайкар.

**ПАҲЛУ** پهلو 1. яке аз ду тарафи сина ва шикам, тарафи рост ва чапи сина ва шикам. 2. тараф, ҷониб. 3. *бо изофа ва пешояндҳои аслӣ омада маънои* тараф, ҷониб, самт; канор, канора, қатор, саф *ва ғайраро* ифода мекунад; **паҳлуи**..., **аз паҳлуи**..., **дар паҳлуи**... назди..., қариби..., пеши..., **ба паҳлуи**... ба назди...; **дар паҳлӯ рафиқҳои зӯр доштан.** 4. қисми рост ё чапи лашкар: **паҳлуи чапи лашкар**. 5. *маҷ.* шоха, навда; **паҳлу додан** навда баровардан, шох паҳн кардани растанӣ; **дар паҳлуи** *касе* **даромадан** ба *касе* ёрӣ додан, ба кори касе мадад расонидан; **паҳлу ба паҳлу** паҳлуи ҳам, дар як қатор, баробар; **паҳлу задан** баробар шудан, баробарӣ кардан; муқобилат кардан (бо касе).

**ПАҲЛУДАРӢ** پهلودری чорчӯбаи атрофи дару тиреза, ки онро нигоҳ медорад.

**ПАҲЛУДОР** پهلودار 1. *кит.* тануманд, бузургҷусса. 2. дарахти сершоха ва паҳншох. 3.

*мач.* дутарафа; ду маъно дошта: **суханони пахлудор**. 4. *кит.* пойдор, устувор.

**ПАҲЛУДОРӢ** پهلوداری 1. бузургҷуссагӣ, қавиҳайкалӣ, танумандӣ. 2. сершоху сербар бурдан.

**ПАҲЛУЗАН** پهلوزن паҳлусой, *касе*, ки даъвои баробарӣ ва ҳампоягӣ мекунад.

**ПАҲЛУӢ** پهلوئی *мансуб ба* **паҳлу**; дар паҳлу воқеъшуда.

**ПАҲЛУНИШИН** پهلونشین дар паҳлу нишаста; ҳамнишин, мусоҳиб, ҳамдам.

**ПАҲЛУЧӮБ** پهلوچوب 1. чӯби дар паҳлу воқеъшуда: **паҳлучӯби дарвоза**. 2. *варз.* чӯбҳои паҳлуии дарвоза.

**ПАҲЛУШИКОФ** پهلوشکاف *кит.* дарандаи паҳлу, шикофандаи паҳлу (*сифати тег ва шамшер*).

**ПАҲН** پهن 1. васеъ, фарох, ҳамвор, кушода: **дашти паҳн**. 2. сербар: **китфи паҳн**, **тасмаи паҳн**; **паҳн гардидан (шудан)** а) густурда шудан; фарох шуда ба ҳар тараф ёзида рафтан; б) ҳар тарафро фурӯ гирифтан, интишор ёфтан: **овоза паҳн шудан, рузнома паҳн шудан**; **паҳн кардан (намудан)** а) густурдан, кушодан; **дастархон паҳн кардан**; б) ҷорӣ кардан; умумӣ гардонидан, интишор додан: **паҳн кардани таҷрибаи пешқадам**.

**ПАҲНА** I پهنه арса, соҳат, майдон; **паҳнаи корзор** арсаи ҷанг, майдони муҳориба.

**ПАҲНА** II پهنه *варз.* 1. кафчае, ки бо он гӯй бозӣ мекунанд, чӯбдасти кафчадор барои гӯйбозӣ (тӯббозӣ), навъе аз чавгон. 2. лавозимоти бозии тенниси рӯимизӣ (ракетка).

**ПАҲНБАР** پهن بر бари васеъдошта; **матои паҳнбар** матое, ки бари васеъ (паҳн) дорад.

**ПАҲНБАРГ** پهن برگ баргаш паҳн; *муқоб.* **борикбарг**, **сӯзанбарг**: **хонаводаи дарахтони паҳнбарг**.

**ПАҲНБОЛ** پهنبال боли васеъ дошта; болаш паҳн: **парандаи паҳнбол**.

**ПАҲНГӮШ** پهنگوش дорои гӯши паҳн, гӯшкалон, лапаргӯш.

**ПАҲНДАШТ** پهندشت дашт ва саҳрои васеи паҳновар.

**ПАҲНДӮШ** پهندوش чорпаҳлу, шонапаҳн.

**ПАҲНӢ** پهنی паҳно, бар, васеӣ, паҳной.

**ПАҲНКИТФ** پهنکتف китфаш паҳн, китфвасеъ.

**ПАҲНКУНАНДА** پهنکننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **паҳн кардан**. 2. интишордиҳанда, бурдарасонанда; овозакунанда: **паҳнкунандаи гап**.

**ПАҲНКУНӢ** پهنکنی 1. интишордиҳӣ; вусъатдиҳӣ: **паҳнкунии ахбор**. 2. умумигардонӣ; дастрас намудан.

**ПАҲНКӮҲ** پهنکوه *ҷугр.* кӯҳи паҳн, кӯҳи паст, пасткӯҳ, пуштакӯҳ.

**ПАҲНО** پهنا бар; паҳнӣ; арз; *муқоб.* **тӯл**; **паҳнои замин**.

**ПАҲНОБ** پهنآب обаш паҳн, вусъати обаш зиёд; обаш бисёр (*сифати дарё*): **рӯди паҳноб**.

**ПАҲНОВАР** پهناور бисёр васеъ, ниҳоят сербар, кушоду фарох: **водии паҳновар.**

**ПАҲНОВАРӢ** پهناوری васеъ будан, кушод будан, фарох будан, паҳнӣ, паҳной.

**ПАҲНОӢ** پهنائی 1. паҳно, паҳнӣ, фарохӣ, васеӣ: **паҳной доштан**. 2. арз, бар: **паҳноии замин**.

**ПАҲНОНА** پهنانه *кит.* маймун, бӯзина.

**ПАҲНПЕШОНӢ** پهنپیشانه пешониаш паҳн, пешонипаҳн, пешонивасеъ.

**ПАҲНРИШ** پهنریش ришаш паҳн, дорои риши паҳн.

**ПАҲНРӮЙ** پهنروی рӯяш паҳн, васеърӯй, дорои рӯи васеъ.

**ПАҲНСИНА** پهنسینه синааш паҳн, сандуқи синааш васеъ.

**ПАҲНШОНА** پهنشانه паҳндӯш, паҳнкитф, чорпаҳлу.

**ПАҲНШУДА** پهنشده *сифати феълии замони гузашта аз* **паҳн шудан**; интишорёфта; овозашуда: **овозаҳои паҳншуда**.

**ПАҲ-ПАҲ** په‌په 1. *калимаи нидоӣ барои ифодаи ҳиссиёти хурсандӣ ва навозиш* офарин, таҳсин; **паҳ-паҳ задан** офарин кардан. 2. калимае, ки ҳангоми қароҳат аз чизе гуфта мешавад: **паҳ-паҳ бӯи бад меояд**.

**ПАЧАҚ** پچق маҷақшуда, фишорхӯрда, задашуда, латхӯрда; **пачақу маҷақ** маҷақшуда.

**ПАЧАҚШУДА** پچقشده *сифати феълии замони гузашта аз* **пачақ шудан**; мачақшуда.

**ПАШ** پش 1. мӯи гардани асп, ёли асп. 2. турраи дастор ва камарбанд; *ниг.* **фаш** 1. 3. банди симин ё оҳанин, ки ба тахтаҳои дар ва сандуқҳо барои мустаҳкам кардан мезананд. 4. банде, ки қадоқчиҳо барои пайваст кардани косаҳои шикаста ва мӯякрафта ва ё кафида мезананд. 5. банди ҳалқа, банди камарбанд.

**ПАШАНГ** پشنگ *кит.* 1. мили оҳании дароз ва сартез, ки ба воситаи он деворро сӯрох мекунанд; дайлам. 2. занбар. 3. борхез, фишанг. 4. оби пошидашаванда; чакра, қатраи чизе. 5. дар асотири Эрони қадимноми бародарзодаи Фаридун ва падари Манучеҳр. 6. номи падари Афросиёб дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ.

**ПАШИЗ** پشیز *кҳн.* пули сиёҳи камарзиш.

**ПАШИЗА** پشیزه *кит.* 1. *ниг.* **пашиз**. 2. пулакчаи симин ё оҳанине, ки барои зинат бар камарбанди сипоҳиён ва лаҷоми асп мечаспонанд. 3. пулакчаи пӯсти моҳӣ. 4. чизи оҳанӣ ё биринҷии тунук, ки байни теға ва дастаи корд васл мекунанд, гулӯбанди корд.

**ПАШК** پشک *кит.* баробарӣ, ҳампоягӣ.

**ПАШМ** پشم 1. мӯе, ки дар бадани ҳайвонот (*аз қабили* буз, гӯсфанд) мерӯяд ва барои бофтани матоъҳои мӯина истифода мешавад; ◊ **пашму қасаб** тору пур. 2. мӯйи бадани инсон ба ғайр аз мӯйсар. 3. мӯяки болои баъзе меваҳо.

**ПАШМАК** پشمک як навъ ҳалво, ки аз орд ва шакар мепазанд ва мисли мӯй тор-тор мешавад.

**ПАШМБОР** پشمبار он чи аз пашм бофта шудааст, он ки ё он чи пашмро мебофад ва аз он матоъҳои пашмӣ омода мекунад.

**ПАШМБОРӢ** پشمباری амали пашмбоф; бофтаки маснуоти пашмӣ, пашминабофӣ.

**ПАШМИБУЗӢ** پشمبزی аз пашми буз бофташуда: **чилбури пашмибузӣ**.

**ПАШМБУР** پشمبر абзори буранда, ки барои буридан ва тарошидани пашм истифода мешавад.

**ПАШМДОР** پشمدار 1. дорои пашм. 2. бо пашм пӯшонидашуда.

**ПАШМИН** پشمین 1. аз пашм бофташуда. 2. чакман.

**ПАШМИНА** پشمینه *ниг.* **пашмин**.

**ПАШМИНАБОФӢ** پشمینه‌بافی *исми амал* аз **пашмина бофтан**; бофтани матоъҳои пашмӣ.

**ПАШМИНАВОР** پشمینه‌وار матоъҳои аз нахи пашмӣ бофташуда.

**ПАШМИНАПӮШ** پشمینه‌پوش 1. пӯшандаи либоси пашмин; чакманпӯш. 2. *кҳн., маҷ.* зоҳид, сӯфӣ.

**ПАШМНОК** پشمناک *ниг.* **пашмдор**.

**ПАШМОГАНД** پشمآگند ҷул, полон, оганда бо пашм, пуршуда бо пашм, полон ва ҳар чизе, ки бо пашму пашмина ва пахтаву тикапораҳо пур мекарданд ва барои захм набардоштани пушти чорпои боркаш болои он мегузоштанд.

**ПАШМОҚ//БАШМОҚ** *т.* پشماق//بشماق кафш, пойафзор.

**ПАШМОЛУД** پشمآلود олуда бо пашм, омехта бо пашм.

**ПАШМРЕС** پشمریس он ки пашмро ба нахи пашмӣ табдил медиҳад, ресандаи пашм.

**ПАШМРЕСӢ** پشمریسی *исми амал аз* **пашм ресидан;** ресидани пашм барои бофтани матоъҳо.

**ПАШМРЕХТА** پشمرخته ҳайвоне, ки пашмаш рехтааст, чизҳои пашмнок, ки пашмашон рехтааст.

**ПАШМТАРОШАК** پشمتراشک абзори махсус барои тарошидани пашм.

**ПАШМТАРОШӢ** پشمتراشی *исми амал аз* **пашм тарошидан**; тарошидани пашми ҳайвонот (*аз қабили* гӯсфанд, буз *ва г.*) барои саноати бофандагӣ.

**ПАШМЧИН** پشمچین абзоре, ки бо он пашми баданро мечинанд; он ки пашми ҳайвонро мечинад, пашмтарош.

**ПАШМШОНАКУНАК** پشمشانکنک афзор барои тоза кардани пашм

**ПАШМШӮӢ** پشمشوی шустани пашм барои тоза карда ба ресидан тайёр кардани он.

**ПАШТУ** پشتو 1. як гурӯҳи этникӣ, ки аксария-

ташон дар Афғонистон сукунат доранд. 2. забони халқи пушту (*яке аз забонҳои давлатии Давлати Исломии Афғонистон*).

**ПАШША** پشه як навъ ҳашароти болдору нешдор; ◊ **пашшаи оши касон** он ки ба кори дигарон ноҷо мудохила мекунад; **пашшаи шилқин** каси безоркунанда, *касе*, ки бо рондан намеравад; **пашша пар намезанад** оромӣ ҳукмрон; **пашшаро озор надодан** беозор будан; **пашша шудан** ба касе чақа шудан; гирди касе чарх зада ӯро безор кардан; **аз пар задани пашша хабардор будан** аз ҳама чиз воқиф будан; ниҳоят кунҷков будан; **аз пашша фил сохтан** чизеро аз будаш зиёд карда нишон додан, муобот кардан; **ба оши** *касе* **пашша шудан** ба *касе* халал расонидан.

**ПАШШАБАНД** پشه‌بند *ниг.* **пашшахона**.

**ПАШШАБАНДӢ** پشه‌بندی *марбут ба* **пашабанд**; муносиби пашабанд.

**ПАШШАГИР** پشه‌گیر доруи часпаки болои коғаз ё чизи дигар, ки пашша ба он часпида мемонад; **пашшагир шудан** бисёр оҷизу нотавон.

**ПАШШАКУШ(АК)** پشه‌کش//پشه‌کشک афзоре, ки ба он паша мекушанд.

**ПАШШАХОНА** پشه‌خانه чодаре, ки барои муҳофизат аз пашша аз матои тунук (дока) дӯхта, тобистон ба даруни он мехобанд, пашшабанд.

**ПАШШАХӮРДА** پشه‌خورده *тиб.* реше, ки дер давом мекунад ва ба ақидаи халқ гӯё аз газидани пашша пайдо мешавад.

**ПАЮГОНӢ** پیوگانی *кит.* тӯйи арӯсӣ.

**ПАЮСИДАН** پیوسیدن *кит.* таваққӯъ доштан, умедвор шудан, интизор шудан, нигарон будан.

**ПАЯМБАР** پیمبر *ниг.* **пайғамбар**.

**ПАЯМБАРӢ** پیبری *ниг.* **пайғамбарӣ**.

**ПЕ** پ *номи ҳарфи сеюм дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ ва дар ҳисоби абҷад* бо **бе** (پ) *баробар буда, шумораи 2-ро ифода мекунад*; *дар алифбои ҳозираи тоҷикӣ номи ҳарфи бистум* (П).

**ПЕДАГОГ** *ю.* پیدگاگ *ниг.* **омӯзгор**.

**ПЕДАГОГИКА** *ю.* پیدگاگیکه илми таълиму тарбия, омӯзгорӣ.

**ПЕДАГОГӢ** پیدگاگی *мансуб ба* **педагогика**; омӯзгорӣ.

**ПЕДАЛ** *фр.* پیدل *тех.* фашанги мошин ё олати мусиқӣ, ки вайро бо пой зер карда механизмро ба ҳаракат медароранд: **педали дучарха**.

**ПЕДИАТР** *ю.* پیدئتر *тиб.* духтури бемориҳои бачагон, кӯдакпизишк.

**ПЕНИТСИЛЛИН** *лот.* پینیتسیلین *тиб.* як навъ дору, ки аз баъзе хелҳои замбурӯғи мағорбароранда тайёр мекунанд ва барои муолиҷаи сироятҳои фасоднок *ва г.* истифода мешавад.

**ПЕНСИН** *ю.* پینسین 1. моддаи луоби меъда, ки ба ҳазми хӯрок хизмат мекунад. 2. доруе, ки аз ин моддаи меъдаи баъзе ҳайвонот тайёр карда мешавад.

**ПЕНТОН** *ю.* پینتان *биол.* маҳсули аввалини ҳазми сафедаҳо дар узви ҳозима.

**ПЕРАҲАН** پیرهن *ниг.* **пероҳан**.

**ПЕРАҲАНДОР** پیرهن‌دار он ки курта ба тан дорад; куртадор; куртапӯш: **духтари пераҳандор**.

**ПЕРАҲАНПӮШ** پیرهن‌پوش он ки курта ба тан кардааст, куртапӯш; пероҳандор.

**ПЕРАҲАНЧОК** پیرهن‌چاک 1. он ки пераҳанаш дарида аст, пераҳандарида, куртадарида, либосдарида. 2. *маҷ.* ранҷида, ошуфта, зору нотавон.

**ПЕРГАМЕНТ** *ю.* پیرگه‌مینت 1. мавод барои хатнависӣ, ки пеш аз ихтирои коғаз аз пӯст тайёр карда мешуд. 2. дастнависи дар ин хел коғаз навишта.

**ПЕРИГЕЙ** *ю.* پیریگیی нуқтаи ба замин наздиктарини мадори моҳ.

**ПЕРИМЕТР** *ю.* پیریمیتر *риёз.* маҷмӯи дарозии ҳамаи тарафҳои шакли мусаттаҳ.

**перо(й)** پیرا(ی) *асоси замони ҳозира аз* **перостан**.

**ПЕРО(Й)** پیرا(ی) зеб, зинат, ороиш; **перо шудан** ороста шудан.

**ПЕРОИШ** پیرایش зеб додан, оро додан, перостан, ороиш.

**ПЕРОМУН** پیرامون гирд, гирдогирд, атроф.

**ПЕРОР** پيرار соли пеш аз порсол, перорсол, пеш аз соли гузашта.

**ПЕРОРИН** پيرارين *ниг.* **перорина**.

**ПЕРОРИНА** پيرارينه перорсола, ду сол пешина.

**ПЕРОРСОЛ** پيرار سال *ниг.* **перор**.

**ПЕРОРСОЛА** پيرارساله ду сол пеш буда.

**ПЕРОСТА** پيراسته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **перостан**. 2. ороста, зинатёфта.

**ПЕРОСТАГӢ** پيراستگى 1. *шакли дигари сифати феълии замони гузаштаи* **перостан**. 2. оростагӣ, мураттабӣ, зебоӣ.

**ПЕРОСТАН** پيراستن 1. буридани мӯйҳои барзиёд барои оростан; ороиш додан; зебу зинат додан. 2. буридани шохҳои барзиёди дарахтон барои ба тартиб андохтан ва тезонидани сабзиши онҳо.

**ПЕРОҲАН** پيراهن курта; либоси тунук, таҳпӯш.

**ПЕРОЯ** پيرايه ороиш, зебу зинат; **пероя бастан** а) ороиш додан; б) *маҷ.* ба назм даровардани сухан.

**ПЕРОЯБАНД** پيرايه‌بند ороишгар, зинатдиҳанда.

**ПЕРОЯБАНДӢ** پيرايه‌بندى амали пероябанд, перояబанд будан, зебу зинат ва ороиш додан.

**ПЕРОЯГАР** پيرايه‌گر *ниг.* **перояబанд**.

**ПЕРОЯДЕҲ** پيرايه‌ده *ниг.* **перояబанд**.

**ПЕРОЯПӮШ** پيرايه‌پوش зеварбаста, ороишдода, бо зару зевар зинатдода.

**ПЕРОЯСОЗӢ** پيرايه سازى зинат додан, ороиш додан.

**ПЕРПЕНДИКУЛЯР** *лот.* پيرپينديکولير *риёз.* хати амудӣ; **перпендикуляр фуровардан** хати амудӣ кашидан.

**ПЕРРОН** *фр.* پيران майдони назди истгоҳи роҳи оҳан, ки қатора омада меистад, саҳни вокзал (*ҷои баромадан ва фаромадан*).

**ПЕРСОНАЖ** *лот.* پيرسانژ *адш.* иштирокчии асари бадеӣ, шахси тасвиршаванда дар асари бадеӣ, қаҳрамони асар: **персонажи манфӣ**, **персонажи мусбат**.

**ПЕС** پيس *тиб.* 1. касалии пӯст аст, ки дар бадани инсон ва ҳайвон аз вайрон шудани пигментатсияи доғҳои сафед пайдо мешавад, барас. 2. бемори гирифтори ин касалӣ; ◊ **пес шудани кор** вайрон шудани кор, расво шудани кор; **песи махав** разил, нобакор, сифла..

**ПЕСА** پيسه 1. сиёҳу сафеди омехта ба ҳам, ало, аблақ, дуранга, мошубиринҷ. 2. *маҷ.* дурӯя, мунофиқ.

**ПЕСӢ** پيسى мубталои бемории пес, пес будан.

**ПЕССИМИЗМ** *лот.* پيسيميزم рӯҳафтодагӣ, ноумедӣ, маъюсӣ; бадбинӣ; *муқоб.* **некбинӣ**.

**ПЕССИМИСТ** *лот.* پيسيميست рӯҳафтода, ноумед; бадбин.

**ПЕССИМИСТӢ** پيسيميستى *мансуб ба* **пессимизм**; рӯҳафтодагӣ.

**ПЕТРОГРАФИЯ** *ю.* پيتراگرفييه *геол.* як шӯъбаи геология, ки маъданҳои кӯҳиро аз ҷиҳати таркиби минералӣ, мавқеъ ва таърихи пайдоиши онҳо меомӯзад.

**ПЕХ** پيخ *ниг.* **пих**.

**ПЕХОЛ** پيخال *кит.* пасафкандаи парандагон, саргини мурғон.

**ПЕХТАН** پيختن *кит.* печидан, печондан, тофтан.

**ПЕҲ** پيه *ниг.* **пиҳ**.

**ПЕҲОБА** پيه‌آبه *ниг.* **пиёба**.

**печ** پيچ 1. *асоси замони ҳозира аз* **печидан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* печида, печонда: **коғазпеч**, **оҳанпеч**, **лӯлапеч** *ва г.*

**ПЕЧ** پيچ 1. хамидагии чизе, тобхӯрдагии чизе; гардиш, **печи роҳ**. 2. тоб, ҳалқа, хам; ҳар як аз хам ва тобхӯрдагиҳои чизе: **печи мӯй**, **печи сала**; **печ дар печ (печ-печ)** а) хам дар хам, ба ҳам печида, пурпечу хам; б) *маҷ.* душвор, мураккаб: **масъалаи печ дар печ**, **печу тоб**; **печу хам** гардиш ва тобхӯрӣ, каҷу килебӣ; **печу хами роҳ**; **печу тоб хӯрдан** а) печидан, сахт давр зада гирд гаштан; б) ба худ печидан; бетоқату безобита шудан; **печ хӯрдан** а) хамидагӣ пайдо шудан дар чизе; б) хамидан, тоб хӯрдан; **дар печу тоб афтодан (будан)** беқарор шудан, дар изтироб мондан.

**ПЕЧА** پیچه 1. зулф ва кокули ду тарафи сар: **печа буридан**, **печа баровардан**. 2. рӯйпуш, чашмбанд: **печаву чодир**.

**ПЕЧАБАНД** پیچه‌بند чашмбанди занон, рӯйбанди занон, ки аз мӯй ё аз ёли асп бофта мешавад.

**ПЕЧАК I** پیچک 1. *бот.* гиёҳест, ки ба растании дигар печида боло меравад, як навъи он «ашақа» ё «ошиқи печон» ном дорад, бадтаринаш зардпечак аст, ки ба ҳар гиёҳ, ки печад, онро хушк мекунад. 2. *бот.* як навъ меваи нохӯрданӣ аз ҷинси харбуза, ки ба ҳаҷми себ буда зардранги хушбӯй мешавад, дастанбӯ, зомуча. 3. кулӯлаи ресмон ё абрешим: **печаки ресмон**, **печаки абрешим**.

**ПЕЧАК II** پیچک навъе аз ҳалво, ки аз шакар пухта, орд пошида кулӯла-кулӯла мебуранд; як навъи қанд.

**ПЕЧАЛАК** پیچه لک *лаҳҷ.* печ-печ, печ дар печ; **печалак задан** печ-печ шудан.

**ПЕЧАНДА** پیچنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **печидан**; печшаванда, печон (*оид ба растаниҳо*).

**ПЕЧАСАФЕД** پیچه‌سفید он ки мӯяш сафед шудааст.

**ПЕЧБУР** پیچ بر мехи печдор.

**ПЕЧДАРПЕЧ** پیچ در پیچ *ниг.* **печопеч**.

**ПЕЧДАРПЕЧӢ** پیچدرپیچی 1. қачу килеб шиканҷдор, печида, ҳаму рост, морпеч, ҳалқа-ҳалқа. 2. дарҳам-барҳам, чигил. 3. *маҷ.* мушкил; муаммодор; **масъалаи печдарпеч** масъалаи мушкил; **печдарпеч кардан** мушкил кардан; **печдарпеч шудан** мушкил шудан, печида шудан.

**ПЕЧДОР** پیچدار ҳар чизи печу тобдор монанди мили милтиқ ё мех, ки печ дорад.

**ПЕЧИДА** پیچیده *сифати феълии замони гузашта* аз **печидан**; печхӯрда, он чи ба чизе печида бошад.

**ПЕЧИДАН** پیچیدن 1. тоб хӯрдан, ҳалқа задан, ба таври ҳалқа гирд шудан; **ба (дар) ҳаво печидан** а) ҳалқа зада боло рафтан (*мас., дуд*); б) баланд, танинандоз шудан (-и овоз); **ба фалак печидани овози дойра** баланд шудан ва танинандоз гардидани овози дойра; **печида баромадан** ҳалқа зада боло рафтан (-и дуд); **печида гирифтан** иҳота кардан, печонда гирифтан; **печида мондан** банд шудан, гиреҳ шудан; **печида рафтан** гирд гашта рафтан, ҳаму тоб хӯрда рафтан. 2. ба худ печондан чизеро, дар иҳотаи чизе шудан; **ба кӯрпа печидан**. 3. *маҷ.* гирифтор шудан, банд шудан: **ба ғам печидан**; **ба худ печидан** ба талвоса афтидан, барқарор шудан.

**ПЕЧИШ** پیچش *исми феълӣ аз* **печидан**; тоб хӯрдан; **печиши шикам** дарди шикам.

**ПЕЧОК** پیچاک *кит.* печу ҳам, ҳалқа.

**печон** پیچان *асоси замони ҳозира аз* **печон(и)дан**.

**ПЕЧОН** پیچان 1. *феъли ҳол ва сифати феълии замони ҳозира аз* **печидан**; дар ҳолати печидан. 2. қачу килеб, ҳаму рост; **пайраҳаи печон**. 3. ҳалқашуда, хамида, печ дар печ: **зулфи печон**, **мӯи печон**; **печон шудан** а) печидан, ҳалқа задан; б) печида баромадан; в) гирифтор шудан, банд шудан (*ба чизе*). 4. дар ҳолати печидан (печонидан). 5. *маҷ.* чаққон, чолок, одами корчаллони ӯҳдабаро.

**ПЕЧОН(И)ДАН** پیچاندن//پیچانیدن *шакли бавоситаи* **печондан**. 1. чизеро ба даруни чизе монда бастан, чизеро бо чизе фаро гирифтан: **ба коғаз печондан**, **ба рӯймол печондан**. 2. иҳота кардан, дар иҳота гирифтан: **ба ҳалқа печондан**; **печон(и)да гирифтан** иҳота кардан, фаро гирифтан; пӯшондан. 3. печидан, ҳалқа кардан, тоб дода шудан; **печонда шудан** *ба чизе.*

**ПЕЧОНДАШУДА** پیچانده‌شده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **печонда шудан**; басташуда, буғча. 2. маҳкамшуда.

**ПЕЧОПЕЧ** پیچاپیچ печдарпеч, бисёр печдор, пурпечу тоб.

**ПЕЧУТОБ** پیچوتاب печ, печу тоб, хамгашт, шиканҷ, ҳалқа; **печутоби дарё** хамгашти дарё; **печу тоб додан** *чизеро* тоб додан *чизеро*; **печу тоб хӯрдан** тоб хӯрдан; хам шудан.

**ПЕЧУТОБХӮРДА** پیچوتاب‌خورده *сифати феълии замони гузашта аз* **печу тоб хӯрдан**; тоб хӯрдан, хам шудан.

**ПЕЧУТОБХӮРӢ** پیچوتاب‌خوری гирдгардӣ, чархзанӣ, муаллақзанӣ.

**ПЕЧХӮРДА** پیچ‌خورده *сифати феълии замони гузашта аз* **печ хӯрдан**; **тоб хӯрдан**; хам шудан.

**ПЕШ I** پیش 1. аввал (саф), рӯ ба рӯ (тараф); *муқ.* **пушт**; **қафо**. 2. (дар) гузашта, собиқ,

муқаддам: **зиндагонии пеш, замони пеш, солҳои пеш.** 3. қабл: **чанд сол пеш**, **чанде пеш**, **пеш аз милод**. 4. оянда, баъд аз ин; дар пеш, дар оянда, минбаъд. 5. *маҷ.* пешқадам, пешрав; **дар кор аз** *касе* **пеш будан**. 6. *маҷ.* дам, теғ(а)-и *чизе*, **пеши об**, **пеши каланд**. 7. *бо изофа ва пешванд ҳамчун пешванди номии таркибӣ ба маъноҳои гуногун меояд;* **пеши**... а) назди..., ҳузури...; б) дар муқобили…, рӯ ба рӯи...; **пеши назар**, **пеши рӯй**; в) дар назди, барои...; **аз пеши**... а) аз назди..., аз муқобили...; б) аз канори...; в) аз ҳузури...; **пасу пеш** а) ин тарафу он тараф, ҳар ду тараф...; б) паи ҳам; пешу қафо: **пасу пеш нишастан**; **пасу пеш ба нақл сар кардан**; **ба пеши**... назди..., ба назди..., ба ҳузури...; **дар пеши....** а) дар назди..., назди...; б) дар ҳузури...; в) дар муқобили..., дар рӯ ба рӯи...; **пеш аз...** қабл аз..., ...муқаддам; **пеш-пеш** пешопеш, дар пеш; **аз пеш** аз рӯ ба рӯ, аз тарафи муқобил; **дар пеш** а) рӯ ба рӯ; б) дар оянда; **пеш аз ин (он)** қабл аз ин (он); **пеш аз вақт** қабл аз мӯҳлат, барвақт; **пеш аз ҳама** қабл аз ҳама, дар навбати аввал; **пешу пас** аввалу охир, атроф; **аз ин пеш** пеш аз ин, қабл аз ин, дар гузашта; **аз ҳама пеш** қабл аз ҳама; **гирду (давр) пеш** гирду атроф; **аз пеши худ**... бо ихтиёри худ, бо майлу хоҳиш ва салоҳдиди худ, бо фикру андешаи худ, ба сари худ; **ба пеш**! даъват барои пеш рафтан ва ҳамлаву ҳуҷум; **ду пои пеш** ду пои пеши чорпоён; **пеш аз пода чанг хезондан** қабл аз воқеа шӯру ғавғо бардоштан; **пеш андохтан** а) пеш-пеши худ гирифта бурдан; б) восита кардан, мутасаддии ягон коре кардан (касеро); **пеш бурдан** а) ба пеш ҳаракат додан; б) инкишоф додан, ривоҷ додан; **пеш гирифтан** ихтиёр кардан (чизеро, роҳеро, кореро); **пеш гузаштан** пешқадам шудан, сибқат доштан; **пеш даромадан** пеш аз *касе* ба роҳ даромадан; **пеши гапро гирифтан** монеи гап задан шудан; **пеши** *касе* **сар фуровардан** итоат кардан ва мутеъ шудан ба касе, таслим шудан; **пеши роҳи** *касеро* **бастан (гирифтан)** касеро аз амал боздоштан, ба пешрафти кори касе монеъ шудан; **пеши** *чизеро* **гирифтан** чизеро боздоштан, сади роҳи чизе шудан; **пеш кардан** а) таъқиб кардан, думболагирӣ кардан; б) рондан, дур андохтан, дур кардан; **пеш кашидан** чизеро наздик овардан; **пеш омадан** а) наздик шудан; б) дучор шудан; **пеш рафтан** а) ҳаракат кардан (*ба пеш*); б) тараққӣ кардан; **даст пеш гирифта истодан** эҳтиром ба ҷо оварда, омодаи хизмат будан; **худат пешу-пешу... (чизат) аз пушт** ҳам худат ва ҳам (чизат) корат даркор нест; **қадаме ба пеш** яъне пешравии коре ва муваффақияти муайян; **пеш-пеш** а) аз пеш, пешопеш, пеш аз дигарон; **пеш-пеш рафтан;** б) кам-кам, оҳиста-оҳиста; **пеш-пеш об шудани барф**; **пеши-пеши**… аз пеши…, пешо-пеши…: **пеш-пеши дигарон рафтан**.

**ПЕШ** II پیش *збш.* аломатест, ки барои ифодаи овози «у» **(و)** дар алифбои арабиасос хизмат мекунад, замма.

**ПЕША** پیشه 1. шуғл, амал; кор: **пеша доштан** машғули касбу коре будан. 2. касб, ҳунар; ихтисос; **пешаи шоҳибофӣ**, **пешаи мисгарӣ**; **пеша кардан** касб кардан, ихтиёр кардан (*кореро*).

**ПЕШАВАР** پیشه‌ور ҳунарманд, косиб, мутахассиси ягон кор ё касби муайян.

**ПЕШАВАРӢ** پیشه‌وری ҳунармандӣ, косибӣ.

**ПЕШАЗИДӢ** پیش‌ازعیدی *мансуб ба* **пеш аз ид**; марҳилаи қабл аз ид, оид ба арафаи ид: **рӯзҳои пешазидӣ**.

**ПЕШАЗИНҚИЛОБӢ** پیش‌ازانقلابی *таър.* давраи то инқилоб (*то соли 1917 дар назар дошта шудааст*).

**ПЕШАЗИНТИХОБОТӢ** پیش‌ازانتخاباتی марҳилаи пеш аз интихобот; вақт ва кори оид ба давраи пеш аз интихобот: **марҳилаи пешазинтихоботӣ**.

**ПЕШАЗҶАНГӢ** پیش‌ازجنگی *мансуб ба* **пеш аз ҷанг**; қаблазҷангӣ.

**ПЕШАЙВОН** پیش‌ایوان айвони пеши хона, айвони пеши иморат.

**ПЕШАЙВОНДОР** پیش‌ایواندار дорои пешайвон: **хонаи пешайвондор**.

**ПЕШАКӢ** پیشکی 1. пеш аз, зудтар аз вақт ва мӯҳлати муқарраршуда. 2. маблағе, ки барои коре ё хариди чизе ё музде пеш аз анҷоми муомила ва кор дода мешавад, бунак; аванс. 3. пешазвақтӣ, аввалӣ, қаблӣ: **чорабиниҳои пешакӣ**; **пешакӣ гуфтан** аз аввал гуфта мондан, қаблан гап зада огоҳ кардан; **пешакӣ донистан** қаблан огоҳ будан; **пешакӣ хабардор кардан** қаблан огоҳ кардан.

**ПЕШАНДЕШ** پیش‌اندیش оқибатандеш, пешнигар, ояндабин.

**ПЕШАНДЕША** پیش‌اندیشه андешаи ояндаи коре, ояндабин, фикру андешаи оянда.

**ПЕШАНДЕШӢ** پیش‌اندیشی ояндабинӣ, дурна-

мобинӣ, оқибатандешӣ.

**ПЕШАНДОЗ** پیش‌انداز :**пешандоз кардан** пеш андохта бурдан, пеш-пеш дароварда бурдан, пеш-пеш ронда бурдан.

**ПЕШАФТОД**پیش‌افتاد *кит.* қисмат, насиб, пешомад.

**ПЕШАҲД** پیش‌عهد *кит.* давраи гузашта, пешгузашта, гузашта, пешина.

**ПЕШБАНД** I پیش‌بند 1. порчаи махсус дӯхташуда барои ба пеши худ бастан дар вақти кор ё хӯрокпазӣ, пешгир. 2. тасма ё ресмони бофтае, ки аз полон ва зин ба гардани асп ё хар мебанданд. 3. *таър.* ба пеш бастани дасти бандиён (-и ба қатл ҳукмшуда).

**ПЕШБАНД** II پیش‌بند банди (садди) об, сарбанди об, дарғот.

**ПЕШБАНДӢ** پیشبندی пеши чизеро бастан, пешгирӣ, дафъ: **нақшаи пешбандии сел**.

**ПЕШБАР** پیش‌بر 1. пешбаранда, раҳбар: **пешбари кор**. 2. пешоҳанги ягон кор (мутахассис): **корманди пешбари илмӣ**.

**ПЕШБАРАНДА** پیش‌برنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **пеш бурдан**. 2. роҳбар, роҳнамо, ҳодӣ. 3. ҳаракатдиҳанда, инкишофдиҳанда, тараққидиҳанда: **омили пешбарандаи ҳаёт**.

**ПЕШБАРӢ** پیش‌بری 1. пеш бурдан, тараққӣ додан, инкишоф додан: **пешбарии кор**. 2. пешниҳод, номзад нишон дода шудан, сазовори ягон кор ё вазифа дониста шудан; **пешбарӣ кардан** пешниҳод кардан; тавсия кардан, сазовор донистан; **пешбарӣ намудан** пешниҳод кардан, тавсия кардан (*барои коре ё дар интихоб*); **пешбарӣ шудан** тавсия шудан.

**ПЕШБАСТА** پیش‌بسته пешаш баста, пешаш пӯшида; *муқоб.* **пешкушода**: **куртаи пешбаста**, **кӯчаи пешбаста**; **ба кӯчаи пешбаста даромада рафтан** банд шуда мондан, банд шуда роҳи баромад ёфта натавонистан.

**ПЕШБИН** پیش‌بین дурбин, дурандеш, оқибатандеш.

**ПЕШБИНИШУДА** پیش‌بینی‌شده ба ҳисоб гирифташуда, андешидашуда; муқарраршуда; пешакӣ муайяншуда.

**ПЕШБИНӢ** پیش‌بینی дурандешӣ, оқибатандешӣ, пешояндро ба назар гирифта чораи пешгирӣ аз онро дидан; **пешбинӣ кардан** а) ба назар гирифтан, ба ҳисоб гирифтан, пешакӣ дарк кардан; б) муайян кардан, иҷрои коре ё нақшаеро андеша кардан; **пешбинӣ шудан** ба назар гирифта шудан.

**ПЕШБИНОНА** پیش‌بینانه дурандешона, эҳтиёткорона; бомулоҳиза.

**ПЕШБОДА** پیش‌باده *ниг.* **коҳреза**.

**ПЕШБОЗ** پیش‌باز *ниг.* **пешвоз**.

**ПЕШБОЛ** پیش‌بال *зоол.* боли пеши парандагон.

**ПЕШБУРД** پیش‌برد 1. роҳбарӣ ба коре. 2. иҷрои коре, амалӣ сохтани ҳадафе.

**ПЕШВАНД** پیشوند *збш.* ҳиссаи калимае, ки пеш аз реша меояд, пешванд.

**ПЕШВО** پیشوا роҳнамо, роҳбари бузург, доҳӣ: **пешвои халқ**.

**ПЕШВОЗ** پیشواز истиқбол; **ба пешвози**... ба истиқболи...; **пешвоз гирифтан** а) ба пеши роҳи *касе*, ки аз ҷое меояд, баромада ӯро пазирой кардан; б) ягон чиз ё ҳодисаро қабул кардан; **ба пешвоз рафтан (баромадан)** пешвоз гирифтан; **пешвоз кардан** а) ба истиқболи касе баромадан; б) дучор омадан; **дар пешвози**... ба истиқболи....

**ПЕШВОЗГИРАНДА** پیشوازگیرنده он ки ба пешвоз ва истиқбол баромадааст.

**ПЕШВОЗГИРӢ** پیشوازگیری *исми амал аз* **пешвоз гирифтан**; пешвоз, пешвоз гирифтан.

**ПЕШВОӢ** پیشوائی роҳнамо будан; роҳнамоӣ, ҳидоят, сардорӣ.

**ПЕШГАРД** پیش‌گرد 1. пешрави лашкар, тӯдае, ки пеш-пеши лашкар ҳаракат мекунад, авангард. 2. пешқадам: **пешгарди халқ (омма, мардум)**.

**ПЕШГАҲ** پیش‌گه *ниг.* **пешгоҳ**.

**ПЕШГИР** پیشگیر порчаи махсус дӯхташуда, ки дар вақти кор пеши худ мебанданд, пешдоман, пешбар, пешбанд.

**ПЕШГИРАК** پیش‌گیرک *шакли тасғири* **пешгир**.

**ПЕШГИРИФТА** پیش‌گرفته *сифати феълии замони гузашта аз* **пеш гирифтан**; пешакӣ муқаррар ва муайян кардашуда: **сиёсати пешгирифтаи ҳукумат**.

**ПЕШГИРӢ** پیش گیری 1. пеши чизеро гириф-

тан, чизеро боздоштан, садди роҳи чизе шудан; **пешгирӣ кардан** иloче карда пеши чизеро боздоштан, пешакӣ чораи чизеро дидан, пеши роҳи чизеро гирифтан. 2. огаҳӣ: **пешгири беморӣ**.

**ПЕШГОҲ** پیش گاه 1. тарафи болоии хона; *муқоб.* **пойгоҳ**:**пешгоҳи хона**. 2. ҷои пеши ҳар чиз, қисми пеши (аввали) ҳар ашё: **пешгоҳи димоғ**, **пешгоҳи замин (водӣ, воҳа** *ва. г.*). 3. *кит.* тахт. 4. *кит., маҷ.* ҳоким: ◊ **ҳар ҷо меҳмон нишинад, он ҷо пешгоҳ аст** (*зарб.*).

**ПЕШГУЗАШТА** پیش‌گذشته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **пеш гузаштан**. 2. пешина, собиқ.

**ПЕШГУЗОШТА** پیش‌گذاشته ба пеш гузошта; ба навбати аввал гузошташуда (*мас., мақсад*).

**ПЕШГУФТОР** پیش‌گفتار сарсухан, муқаддима: **пешгуфтори китоб**, **пешгуфтор навиштан**.

**ПЕШГӮ(Й)** پیش‌گو(ی) пешакӣ хабар (огоҳӣ)-диҳанда аз вуқӯи ҳодисае, пешомадро қаблан гуфтан.

**ПЕШГӮӢ** پیش‌گویی 1. пешакӣ дар бораи чизе, воқеае фикр баён кардан; **пешгӯии обу ҳаво** маълумоти пешакӣ дар бораи обу ҳаво. 2. *маҷ.* дурандешӣ, оқибатандешӣ; **пешгӯӣ кардан** а) чизеро пешакӣ гуфтан; б) пешакӣ огоҳ кардан; в) *маҷ.* пешакӣ фаҳмидани чизе.

**ПЕШДАНДОН** پیش‌دندان *кит., ниг.* **пешхӯрд** 1.

**ПЕШДАРГИР** پیش‌درگیر *ниг.* **пешдаргирон**.

**ПЕШДАРГИРОН** پیش‌درگیران ягон чизи парахамонанд, ки онро барои даргирондани оташ истифода мекунанд: **парахаҳои пешдаргирон**.

**ПЕШДАСТ** پیش دست 1. чаққон, чолок, чобуктар аз дигарон; **пешдаст будан** чаққон будан. 2. моҳир, забардаст. 3. ёрдамчӣ, мададгор.

**ПЕШДАСТӢ** پیش دستی сибқат, пешӣ, чаққонӣ; **пешдастӣ кардан** а) кор ё амалеро нисбат ба каси дигар пештар иҷро кардан, ба кор ё амале нисбат ба дигарон пештар даст задан; б) пешӣ ҷустан; дар иҷрои коре аз дигарон пеш гузаштан.

**ПЕШДАҲАН** پیش دهن *гуфт.* он ки барои доно нишон додани худ ба гуфтугӯи дигарон дахл мекунад ва аз ҳама пеш гап мезанад.

**ПЕШДАҲАНӢ** پیش دهنی *гуфт.* пеш аз дигарон гап задан, худро доно тарошида гапфурӯшӣ кардан.

**ПЕШДЕВОР** پیش دیوار девори пеши бино.

**ПЕШДОД** پیش داد пуле, ки пеш аз кор ба муздур ва коргар медоданд, бунак.

**ПЕШДОДИЁН** پیش‌دادیان яке аз сулолаҳои қадимӣ ва асотирии подшоҳони Ориёи бостон.

**ПЕШДОМАН** پیشدامن 1. порчаест, ки дар вақти кор ба пеши худ мебандад, пешгир, пешбанд. 2. рӯймоли калон ё пешгири халта ва кисадор, ки пеши худ баста пахта мечинанд.

**ПЕШДОР** پیش‌دار *кит.* пешрави лашкар, пешгард, ҷилавгард, авангард: **пешдори лашкар**.

**ПЕШДӮКОН** پیش‌دوکان мизи камбари дарози мағоза ё бозор, ки фурӯшанда дар паси он истода савдо мекунад.

**ПЕШЁР** پیش یار *кит.* 1. мададгор, ёрирасон, ёвар. 2. пешоб, бавл, шоша, меза.

**ПЕШИЗАБОНӢ** پیشی‌زبانی *збш.* пеши (нӯги) забон будан; **ҳамсадои пешизабонӣ** ҳамсадое, ки талаффузаш дар пеши забон суръат мегирад.

**ПЕШИН** پیشین 1. аввал, якум, нахуст. 2. пештара, гузашта, собиқ, қадим; **замони пешин** замони қадим, даври гузашта. 3. нимрӯзӣ, нисфирӯзӣ, вақти қиёми офтоб, зӯҳр: **баъди пешин**, **то пешин**, **хӯроки пешин**.

**ПЕШИНА** پیشینه *ниг.* **пешин** 2.

**ПЕШИНГАҲ** پیشین‌گه *ниг.* **пешингоҳ**.

**ПЕШИНГОҲ** پیشین‌گاه вақти пешин, вақти зуҳр, *муқ.* **пешин**.

**ПЕШИНЗАМОН** پیشین‌زمان замони гузашта, даври пеш.

**ПЕШИНИЁН** پیشینیان гузаштагон, пешгузаштагон.

**ПЕШИНӢ** پیشینی нисфирӯзӣ, нимрӯзӣ, вақти пешин: **хӯроки пешинӣ**.

**ПЕШИПО** پیشیپا *ниг.* **пешпо(й)**.

**ПЕШӢ** پیشی пеш будан, пеш рафтан, пешрав будан, сибқат; **пешӣ доштан** пеш будан,

пешрав будан, сибқат доштан.

**ПЕШКАШ** پیشکش ҳадя, тӯҳфа; **пешкаш кардан (намудан)** ҳадя кардан, бахшидан чизеро.

**ПЕШКИРОЯ** پیش‌کرایه маблағи аз ҳаҷми кироя, ки пештар пардохт мешавад: *муқ.* **паскироя**.

**ПЕШКИСВАТ** پیش‌کسوت он ки дар иҷрои коре бартариву пешқадамӣ дорад, пешқадамӣ дар иҷрои коре, пешрав.

**ПЕШКОР** پیش‌کار 1. коргари пешқадам. 2. *кӯҳн.* устои шогирдон ё калонтар аз кормандони устохона. 3. *таър.* пешхизмат, мулозим, навкар, нозир (*дар дарбори амир*).

**ПЕШКОРА** پیش‌کاره пешхизмат, хизматгор.

**ПЕШКУШОД(А)** پیش‌کساده пешаш кушода; *муқоб.* **пешбаста**; чизҳои пешашон кушода (*мисли курта, яктак, айвон, иморат ва г.*): **куртаи пешкушода**.

**ПЕШҚАБЗА** پیش‌قبضه *кит.* ханҷаре, ки ба пеши камар мебананд.

**ПЕШҚАДАМ** پیش‌قدم 1. он ки пеш аз дигарон ба коре иқдом кардааст. 2. пешрав, фаъол: **коргари пешқадам**, **хонандаи пешқадам**. 3. мутараққӣ; равшанфикр: **шахси пешқадам**.

**ПЕШҚАДАМӢ** پیش‌قدمی пешрав будан дар иҷрои коре, ташаббускор будан.

**ПЕШҚАРОРДОД** پیش‌قرارداد санад ва навиштаи пешакие, ки қабл аз имзои қарордод байни тарафайн мубодила мегардад.

**ПЕШЛАШКАР** پیش‌لشکر *ниг.* **пешгард**.

**ПЕШМИСРАЪ** پیش‌مصرع мисраи аввали байт.

**ПЕШМУЗД** پیش‌مزد музде, ки ҳамчун кироя пеш аз мӯҳлати музддиҳӣ медиҳанд; аванс.

**ПЕШНАВИС** پیش‌نویس ғалатнавис, ифлоснавис.

**ПЕШНАМОЗ** پیش‌نماز майите, ки ҷанозааш дар намозҳои ҷумъа ё идайн иттифоқ мегардад.

**ПЕШНИҲОД** پیشنهاد фикре, ки дар пеши касе ё идорае гузошта мешавад; таклиф (нақшае), ки барои муҳокима ба миён гузошта мешавад: **пешниҳод шудан**.

**ПЕШНИҲОДӢ** پیشنهادی *ниг.* **пешниҳодшуда**.

**ПЕШНИҲОДШУДА** پیشنهادشده *сифати феълии замони гузашта аз* **пешниҳод шудан**; ба пеш гузоштташуда, тавсияшуда: **фикр ё масъалаи пешниҳодшуда**.

**ПЕШНОКӢ** پیش‌ناکی ба (бо) тарафи пеш.

**ПЕШНОФ** پیش‌ناف гӯшти атрофии нофи гӯсфанд ё гов (бештар аз он тушбера мепазанд).

**ПЕШОБ** پیش‌آب мезак, бавл, шоша; **пешоб кардан** шошидан, мезидан; **маҷрои пешоб** *биол.* найчае, ки ба воситаи он пешоб ҷорӣ мешавад.

**ПЕШОББАРОРӢ** پیش‌آب‌براری пешобкунӣ, шошакунӣ.

**ПЕШОБДОН** پیش‌آبدان *биол.* халтачаи пешоб дар бадани одам ва ҳайвон, масона, мезадон.

**ПЕШОБОВАР** پیش‌آب‌آور он чи боиси равон гаштани пешоб мегардад; пешоброн.

**ПЕШОБРОН** پیش‌آبرن *тиб.* пешобовар; **доруи пешоброн** доруе, ки равон кардани пешобро осон мекунад.

**ПЕШОБРОҲ** پیش‌آبراه *ниг.* **пешоб**: **маҷрои (роҳи) пешоб**.

**ПЕШОДАСТ** پیشادست *кит.* нақд (оид ба пул).

**ПЕШОМАД** پیش‌آمد 1. он чи дар пеш аст, он чи дар оянда хоҳад шуд ва касе онро намедонад. 2. ҳодиса, воқеа, рӯйдод. 3. *маҷ.* оқибат; натиҷа, ояндаи нек.

**ПЕШОМАДА** پیش‌آمده пешомада, ҷилавмада, пешбаромада.

**ПЕШОН** پشان 1. ниҳоят, охир, нуқтаи интиҳои масофае. 2. пешиниён, гузаштагон.

**ПЕШОНА** پیشانه 1. қисмати пеши сар мобайни мӯи сар ва абрӯ. 2. *маҷ.* қисмат, сарнавишт.

**ПЕШОНАБОФАК** پیشانه‌بافک *ниг.* **печа**.

**ПЕШОНИБАЛАНД** پشانی‌بلند 1. шахси пешонии баланд дошта. 2. *маҷ.* хуштолеъ; хушбахт.

**ПЕШОНИБАНД** پیشانی‌بند рӯймоли хурд, ки занон онро якчанд қабат печонида ба пешонаашон мебананд.

**ПЕШОНИБАНДАК** پیشانی‌بندک *шакли тасғири* **пешонибанд**.

**ПЕШОНИБОРИК** پیشانی‌باریک шахси пешониаш борик.

**ПЕШОНИВАСЕЪ** پیشانی‌وسیع пешонааш васеъ, фарохпешона, пешонипаҳн.

**ПЕШОНИДӮНГ** پیشانی‌دونگ шахси пешониаш барҷаста.

**ПЕШОНИКУШОД** پیشانی‌کشاد 1. *ниг.* **пешоникушода**.

**ПЕШОНИКУШОДА** پیشانی‌کشاده 1. пешонааш кушода, пешонааш ҳамвор. 2. *маҷ.* хушмуомила, хушҳол, хушзабон, ҳамеша хурсанд.

**ПЕШОНИҚАШҚА** پیشانی‌قشقه 1. ҳайвоне, ки пешонааш қашқа аст: **аспони пешониқашқа**. 2. *маҷ.* нишонадор, ба мардум шинос, маълуму машҳур.

**ПЕШОНИНАВИШТ** پیشانی‌نوشت тақдир, сарнавишт, қисмати азал.

**ПЕШОНИПАҲН** پیشانی‌پهن *ниг.* **пешонивасеъ**.

**ПЕШОНИСАХТ** پیشانی‌سخت бетолеъ, бадбахт, пешонитанг.

**ПЕШОНИТАНГ** پیشانی‌تنگ *ниг.* **пешонисахт**.

**ПЕШОНИФАРОХ** پیشانی‌فراخ *ниг.* **пешонивасеъ**.

**ПЕШОНӢ**پیشانی 1. мобайни абрӯ ва рустангоҳи мӯйсар, ҷабин; **пешонӣ кушода** рӯи хуш, чеҳраи хандон; **пешонӣ дарҳам кашидан (турш кардан)** изҳори норизогӣ кардан, рӯ турш кардан, қавоқ андохтан; **пешонӣ чин кардан//ба пешонӣ гиреҳ андохтан** изҳори норизогӣ кардан; **ба пешонӣ** *касе* **тамғаи** *чизеро* **задан** *касеро* ба айбе (гуноҳе, бадномие) маҳкум кардан. 2. *д., маҷ.* тақдир, сарнавишт; **дар пешонӣ навишташуда** он чи дар тақдир аст; **шӯри пешонӣ** *киноя аз* пасттолеъ будан, толеъи паст.

**ПЕШОПЕШ** پیشاپیش пеш-пеш, аз пеш.

**ПЕШОР** پیشار *кит., ниг.* **пешоб**.

**ПЕШОҲАНГ** پیش‌آهنگ 1. пешрав, пешрави гурӯҳ, пешгард, ҷилавгард, саркардаи лашкар ва мардум. 2. нахустин кас; кушояндаи аввалин. 3. узви созмони талабагон.

**ПЕШОҲАНГӢ** پیش‌آهنگی пешоҳанг будан, пешқадамӣ, пешсафӣ, дар сафи аввал қарор доштан.

**ПЕШОЯНД** I پیشایند 1. *збш.* як қисми аз ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ, ки барои ифодаи муносибатҳои гуногуни грамматикии калимаҳои мустақилмаъно хизмат мекунад.

**ПЕШОЯНД** II پیشایند оянда, минбаъд: **пешоянди наздик**, **пешоянди дур**.

**ПЕШОЯНДА** پیشاینده 1. *сифати феълии замони ҳозира* аз **пеш омадан**. 2. пеш-пеш оянда, пеш ҳаракаткунанда: **мошини пешоянда**.

**ПЕШОЯНДДОР**پیشاینددار *збш.* дорои пешоянд, бо пешоянд: **ибораи пешоянддор**.

**ПЕШПАЗАК** پیش‌پزک 1. чизи пеш мепухтагӣ, чизе ки пештар ва барвақттар мепазад, пешрас; **себи пешпазак** навъи себе, ки нисбат ба ҳамҷинсҳои худ пештар мепазад. 2. *маҷ.* одаме, ки дар коре пешдастӣ мекунад, пеш аз ҳама; саросемавор кореро анҷом додан.

**ПЕШПАРДОХТ** پیش‌پرداخت музде, ки пеш аз мӯҳлат дода мешавад, байъона, пули пешакӣ, пешдод, бунак.

**ПЕШПЕРО** پیش‌پیر *кит.* ороишдиҳандаи китобҳои пешина.

**ПЕШПО(Й)** پیش‌پا(ی) 1. пои худро ногаҳон ба ноҳамворие зада гирифтан; дакка. 2. *маҷ.* саҳв, хато, саҳлангорӣ; **пешпо задан** *киноя* аз рад кардан, дур андохтан; **пешпо хӯрдан** а) дакка хӯрда ба афтидан наздик расидан ё афтидан; б) *маҷ.* саҳв кардан, хато кардан; **пешпо додан** а) касеро ба пой зада афтондан; б) *маҷ.* ба кори *касе* халал расонидан.

**ПЕШПОРА** پیش‌پاره як навъ ҳалво, ки аз орд, равған ва шарбати мевагӣ пухта мешавад; ҳалвои нарм ва нозук. .

**ПЕШПОХӮР** پیشپاخور он ки ё он чи пешпо мехӯрад, даккахӯр: **хари пешпохӯр**.

**ПЕШПОХӮРӢ** پیشپاخوری *исми амал аз* **пешпо хӯрдан**; пешпо хӯрдан, дакка хӯрдан.

**ПЕШРАВ** پیشرو 1. дар сафи пеш раванда; пешраванда. 2. роҳбалад, роҳнамо. 3. пешқадам, ғолиби мусобиқа.

**ПЕШРАВӢ** پیشروی 1. *исми амал аз* **пеш рафтан**. 2. тараққӣ, инкишоф, вусъат: **пешравии ҳаёт**, **пешравии зиндагӣ**.

**ПЕШРАВОҚ** پیش‌رواق пешайвони пешгоҳаш меҳробшакл; пештоқ.

**ПЕШРАС** پیشرس 1. зудрас, пеш аз мӯҳлат расидан. 2. *ниг.* пешпазак. 3. тез ба қиём расанда, чизе, ки зуд ба дараҷаи эътидол мерасад (*мас.*, хамир).

**ПЕШРАФТ** پیشرفت 1. пешравӣ, тараққӣ, инкишоф. 2. муваффақият; **пешрафти кор** муваффақияти кор.

**ПЕШРАФТА** پیشرفته *сифати феълии замони гузашта аз* **пеш рафтан**; он ки ё он чи пешрафт кардааст; ба пеш ҳаракат карда.

**ПЕШРАФТАГӢ** پیش رفتگی *шакли дигари сифати феълӣ аз* **пешрафта**: пешрафта будан; вазъ ва ҳолати пешрафта.

**ПЕШРОНДА** پیشرانده тароша, параха.

**ПЕШРӮБА** پیشروبه хокрӯба, хасу хошок, партов.

**ПЕШСАФ** پیشصف 1. дар сафи пеш раванда, пешрав. 2. пешқадам: **пешсафи гурӯх**.

**ПЕШСАЛОМ** پیشسلام он ки ҳангоми вохурӣ пештар салом медиҳад, ба пешвози касе ба салом баромадан.

**ПЕШСАЛОМӢ** پیشسلامی пешсалом будан, ҳангоми саломдиҳӣ пешдастӣ кардан.

**ПЕШТАР** پیشتر 1. *дараҷаи қиёсии* **пеш**. 2. дар гузашта, собиқ; пеш аз ин; қабл: **ин гуна воқеаҳо пештар рӯй медоданд**, **як рӯз пештар**. 3. наздик, наздиктар.

**ПЕШТАРА** پیشتره аввала, собиқ, гузашта, пешина: **вазифаи пештара**, **воқеаи пештара**; **пештара барин** мисли аввала, ба тариқи собиқ; **аз пештарааш** нисбат ба аввалааш, нисбат ба собиқ, назар ба он чи собиқ буд.

**ПЕШТАХТА** پیشتخته *ниг.* **пешдӯкон**.

**ПЕШТОЗ** پیشتاز 1. ба пеш даванда. 2. пешқадам, пешоҳанг.

**ПЕШТОҚ** پیشطاق *меъ.* тоқи баланде, ки дар даромадгоҳи иморатҳо месозанд, пешравоқ.

**ПЕШХАРИД** پیشخرید харидани чизе бо пешакӣ пардохтани пул.

**ПЕШХЕЗ** پیشخیز 1. он ки сухани ҳар касро дуруст ё нодуруст рад карда ба рӯяшон гапҳои сахт мегӯяд. 2. хидматгор, навкар.

**ПЕШХЕЗӢ** پیشخیزی ба сухани касон гӯш надода, дар ҳама маврид ба гап ҳамроҳ шуда гапҳои сахт гуфтан: **пешхезӣ кардан**; ◊ **ҳам дуздию ҳам пешхезӣ** он ки дуздӣ карда, боз аз ҳама пештар «дуздро доред» гуфта, доду вой мекунад.

**ПЕШХИДМАТ** پیشخدمت *ниг.* **пешхизмат**.

**ПЕШХИЗМАТ** پیشخذمت 1. *кӯҳн.* хизматгор, пешкор. 2. он ки дар ошхона, тарабхона *ва г.* ба муштариён хизмат мекунад.

**ПЕШХИЗМАТӢ** پیشخذمتی 1. *кӯҳн.* пешкорӣ, хизматгорӣ. 2. *навс.* **пешхизматӣ кардан** (*дар ошхона, тарабхона ва г.*)

**ПЕШХОН I** پیشخوان 1. *мус.* сурудхоне, ки суруд сар мекунад ва дигарон ба вай пайравӣ мекунанд, сарнақш. 2. *кӯҳн.* он ки аслу насаби шахсеро, ки ба маҷлис даромадааст, ба ҳозирон мегӯяд; муарриф.

**ПЕШХОН II** پیشخوان дастархоне, ки ба рӯяш хамир завола мекунанд.

**ПЕШХОНА** پیشخانه *кӯҳн.* чодир ва асбоби сафари подшоҳон, ки аз пеш мебурданд.

**ПЕШХӮРД** پیشخورد 1. таоми ноштоӣ, таоме, ки наҳор бо он мешикананд. 2. *киноя аз* чизи тасарруфшуда.

**ПЕШҶАНГ** پیشجنگ 1. дар қатори (сафи) пеш ҷанганда, мубоқризи сафи аввал. 2. қисме аз лашкар, ки аввалин шуда ба душман ҷанг мекунанд.

**ПЕШҶИЛАВ** پیشجلو 1. пешрави корвон, сарҷилав. 2. он ки аз ҷилави аспи арӯс гирифта ба хонаи домод мебарад, ҷилавгир.

**ПИ** *лот.* پی 1. номи ҳарфи алифбои юнонӣ. 2. *риёз.* барои ишора намудани адади муайяни ирратсионалӣ (нисбати дарозии давра ба диаметр) истифода мешавад, ки қимати доимиаш $\pi$=3,14 мебошад.

**ПИАНИНО** *ит.* پیهنینا *мус.* дастгоҳи мусиқавии маъруф.

**ПИАНИНОНАВОЗ** پیهنینانواز *мус.* он ки пианино менавозад.

**ПИВО** *р.* پیوا оби ҷав; нӯшокии хуморовар, ки аз оби ҷав тайёр мекунанд.

**ПИВОПАЗ** پیواپز он ки пиво мепазад пазанда ва омодакунандаи оби ҷав.

**ПИВОФУРӮШ** پیوافروش фурӯшандаи пиво, он ки ба фурӯши пиво машғул аст.

**ПИВОФУРӮШӢ** پیوافروشی амали пивофрӯшӣ,

пиво фурӯхтан; ҷой ва маҳали фурӯши пиво.

**ПИГМЕНТ** *лот.* پیگمینت 1. моддаи рангин, ки дар бофтаи растанӣ ва ҳайвонот мавҷуд аст. 2. *тех.* моддаи рангинкунанда, рангкунанда.

**ПИДРОМ** پدرام *кит.* 1. ороста, пероста, зинатёфта. 2. шод, хушдил, хуш, хуррам. 3. муборак, фаррух, хуҷаста, хушхосият. 4. шодӣ, хушӣ. 5. саҳеҳ, дуруст, мувофиқ. 6. мунтазам, доимӣ.

**ПИДРОМИДАН** پدرامیدن *кит.* хуррам кардан; хуррам шудан; неку шудан, хуб шудан.

**ПИЁБА//ПЕҲОБА** پیابه//پیه‌آبه *хӯр.* шӯрбои бегӯшт, ки аз равғану пиёз мепазанд, пиёзоба.

**ПИЁДА** پیاده 1. одами бо пои худ раванда; *муқоб.* **савора**; **пиёда рафтан**; **пиёда-пиёда** дар ҳолати пиёда будан, пиёда ва оҳиста; **пои пиёда** ба таври пиёда, бо пои худ; **сарбози пиёда** аскари ғайрисаворӣ; **пиёда шудан** аз василаи нақлиёти саворӣ фуромадан. 2. мӯҳраи одии шоҳмот. 3. гузаргоҳ. 4. *маҷ.* оҷиз; камтаҷриба; каммаҳорат; **пиёда будан** а) пиёда роҳ рафтан; б) *маҷ.* бенасиб, маҳрум; оҷиз.

**ПИЁДААСКАР** پیاده‌عسکر аскари пиёдагард, ғайрисаворӣ, аскари пиёданизом.

**ПИЁДАГАРД** پیاده‌گرد 1. пиёдарав; **роҳи пиёдагард** роҳе, ки аз он пиёдаҳо мераванд. 2. пиёда; *муқоб.* **савор** ва **саворарав**; пиёда роҳ раванда. 3. *ҳ.* қӯшуни ғайрисаворӣ: **қӯшуни пиёдагард**.

**ПИЁДАГАРДӢ** پیاده‌گردی пиёда роҳ гаштан, пиёдаравӣ, пиёдагӣ.

**ПИЁДАГӢ** پیادگی 1. *ниг.* **пиёдагардӣ**. 2. *маҷ.* бечорагӣ, оҷизӣ.

**ПИЁДАГУЗАР** پیاده‌گذر гузаргоҳи пиёдагардон.

**ПИЁДАҚӮШУН** پیاده‌قشون *ҳ., ниг.* **пиёданизом**.

**ПИЁДАНИЗОМ** پیاده‌نظام *ҳ.* қисми ҳарбии пиёдагард; пиёдақӯшун.

**ПИЁДАПОЙГА** پیاده‌پایگه мусобиқаи пиёдатозҳо.

**ПИЁДАРАВ** پیاده‌رو *ниг.* **пиёдагард**.

**ПИЁДАРАВӢ** پیاده‌روی *ниг.* **пиёдагардӣ**.

**ПИЁДАРОҲА** پیاده‌راهه роҳи пиёдагард, роҳе, ки ба он пиёдаҳо мераванд.

**ПИЁЗ** پیاز навъе аз сабзавот, ки бех ва барги тозаи онро дар таом истеъмол мекунанд: **пиёзи кабуд**; **пиёзи бех** бехпиёз; **пиёзи ансул** *бот.* як навъ растании пиёзмонанди кӯҳӣ, ки хусусияти давоӣ дорад.

**ПИЁЗАК** پیازک 1. *шакли тасғири* **пиёз**. 2. *бот.* пиёзи бех; бехпиёз.

**ПИЁЗБЕХ** پیازبیخ растаниҳое, ки бехашон пиёзмонанд аст; пиёзакиҳо: **наргис растании пиёзбех аст**.

**ПИЁЗБИРЁН** پیازبریان *ниг.* **пиёздоғ**.

**ПИЁЗДОҒ** پیازداغ пиёзи ба равған бирён шуда.

**ПИЁЗДОНА** پیازدانه тухми пиёз, донаи пиёз.

**ПИЁЗИН** پیازین пиёздор; хуроки бо пиёз тайёршуда.

**ПИЁЗӢ** پیازی 1. *мансуб ба* **пиёз**. 2. ҳар чизе, ки ба ранг ва шакли пиёз бошад. 3. номи як навъ матои дастибоф аз пашми шутур; **чакмани пиёзӣ** чакмане, ки аз матои «пиёзӣ» дӯхта шудааст.

**ПИЁЗОБА** پیازآبه *ниг.* **пиёба**.

**ПИЁЗФУРӮШ** پیازفروش он ки пиёз мефурӯшад.

**ПИЁЗШАКЛ** پیازشکل ба монанди пиёз, ҳар чизе, ки шакли пиёзро дорад.

**ПИЁЛА** پیاله 1. зарфи хурди махрутшакл барои хӯрдани (нӯшидани) чизҳои обакӣ. 2. *кит.* қадаҳ, ҷоми май. 3 *маҷ.* май, шароб.

**ПИЁЛАГАРДОН** پیاله‌گردان соқӣ, майкаш; шаробхӯр.

**ПИЁЛАДОР** پیاله‌دار 1. он ки пиёла дар даст дорад. 2. *киноя аз* шаробхӯрӣ.

**ПИЁЛАКАШ** پیاله‌کش *кит.* соқӣ, майкаш; майнӯш, шаробхӯр.

**ПИЁЛАНӮШ** پیاله‌نوش бодахор, шаробхӯр.

**ПИЁЛАПАЙМО** پیاله‌پیما *ниг.* **пиёлакаш**.

**ПИЖӮЛИДАН** پژولیدن *ниг.* **пажӯлидан**.

**ПИЖӮҲИДАН** پژوهیدن *ниг.* **пажӯҳидан**.

**ПИЗИШК** پزشک табиб, духтур.

**ПИЗИШКӢ** پزشکی табибӣ, духтурӣ.

**ПИЙҲ** پیه *ниг.* **пиҳ**.

**ПИҚИР-ПИҚИР** پقرپقر *калимаи тақлиди овоз*, ки тез-тез хандиданро ифода мекунад: **пиқир-пиқир хандидан**.

**ПИҚИРРОС** پقراس *калимаи тақлиди овози* беихтиёр хандидан.

**ПИЛ** پیل *кит., ниг.* **фил**; **пили дамон** фили ҷангии ҳуҷумкунанда, фили ғуррон.

**ПИЛА** I پیله 1. ғӯзаи кирми абрешим, ки аз он торҳои абрешим ҳосил мешавад. 2. лифофаи муҳофизи зоча, ки кирмина онро аз нахи пеш аз мубаддал шуданаш ба зоча ҳосил мекунад; **пилаи абрешим** а) лифофае, ки кирмаки абрешим пеш аз мубаддал шуданаш ба зоча ба он мепечад; б) ашё барои тайёр намудани абрешими табиӣ; ◊ **чун пила ба пои фил афтодан** оҷизу нотавон шудан.

**ПИЛА** II پیله чирку фасод, чирки дандон.

**ПИЛА** III پیله пилки чашм.

**ПИЛАВАР** پیله‌ور майдафурӯш, аттори хонагард, шахсе, ки молҳои майдаро кӯча ба кӯча бардошта мефурӯшад.

**ПИЛАСТА** پیلسته 1. устухони дандони фил. 2. *кинояи аз* соид, миёни оринҷ ва банди даст.

**ПИЛАФГАН** پیل‌افگن *кит.* 1. қавӣ, зӯр, диловар, баҳодур, паҳлавон. 2. аспи қавӣ.

**ПИЛАФКАН** پیل‌افکن *ниг.* **пилафган**.

**ПИЛАФКАНӢ** پیل‌افکنی амали пилафкан, диловарӣ, зӯроварӣ, баҳодурӣ.

**ПИЛАФСАР** پیل‌افسر дорои қудрату тавоноӣ ва ҷоҳу ҷалолу шавкат.

**ПИЛБАНД** پیلبند як навъ усули бозии шоҳмот, ки дар паси фил ду пиёда мегузоранд, то ин ки ба омадани мӯҳраи ҳариф монеъ бошад; **пилбанд додан** а) мот кардан ба воситаи ҳаракати фил; б) *маҷ.* мағлуб кардан.

**ПИЛБОЛО** پیل‌بالا 1. баланд ва азим ҷусса; филқомат, қавиҳайкал. 2. *маҷ.* ба баландии қомати фил, хеле бисёр, туда, хирман.

**ПИЛБОН** پیل بان бонигари пил, нигоҳубинкунандаи фил, ходими махсуси фил.

**ПИЛБОР** پیل بار боре, ки бар андозаи бори фил аст.

**ПИЛВОР** پیل‌وار 1. монанди фил, фил барин, филмонанд. 2. *маҷ.* қавӣ, андозаи бори як фил.

**ПИЛГӮШ** پیل‌گوش 1. гули савсан. 2. хокандоз, олатест, ки бо он хокрӯбаҳоро мебардоранд.

**ПИЛЗӮР** پیل‌زور зӯрманд, қавӣ, пурзӯр.

**ПИЛИШК** پلشک :**пилишк кардан** *гуфт.* гузарондан *чизеро,* кашидан *чизеро*; **риштаро ба сӯзан пилишк кардан** риштаро аз сӯрохи сӯзан гузаронидан.

**ПИЛИШТ//ПАЛАШТ** پلشت *кит.* нопок, олуда; **палиду пилишт** нопоку олуда.

**ПИЛК** پلک пардаи гирдогирди чашм, ки мижгон аз он рӯидааст: **пилки чашм**.

**ПИЛКСУРХ** پلک‌سرخ он ки пилки чашмонаш сурх аст.

**ПИЛЛА** I پیله *ниг.* **пила**.

**ПИЛЛА** II پیله *кит.* пояи зина; зинапоя.

**ПИЛЛА** III پیله *тиб.* милки дандон, ки дар натиҷаи газак гирифтани нӯги решаи дандон ба вуҷуд меояд.

**ПИЛЛАГАР** پیله‌گر *ниг.* **пилакаш**.

**ПИЛЛАГУЗОРӢ** پیله‌گذاری пилла гузоштан, пилла нигоҳ доштан.

**ПИЛЛАДОР** پیله‌دار *ниг.* **пилакаш**.

**ПИЛЛАДОРӢ** پیله‌داری *ниг* **кирмакпарварӣ**.

**ПИЛЛАКАШ** پیله‌کش он ки пилларо ҷӯшонида тоза карда ба ресидан тайёр мекунад, пиллагар.

**ПИЛЛАКАШАК** پیله‌کشک асбоби махсус, ки нахи абрешими пилларо мекашад.

**ПИЛЛА́КАШӢ** پیله‌کشی 1. *исми амал аз* **пила кашидан**; пилларо ҷӯшонида ба ресидан тайёр кардан. 2. марҳалаи технологии аз пилла кашидани нахи абрешим; **корхонаи пиллакашӣ** корхонае, ки дар он ҷо пилла мекашанд, пиллагар.

**ПИЛЛАПАЗ** پیله پز *ниг.* **пиллакаш**.

**ПИЛЛАПАЗӢ** پیله پزی *ниг.* **пилакашӣ**.

**ПИЛЛАПАРВАР** پیله پرور он ки пила парвариш мекунад, пиладор; кирмакпарвар.

**ПИЛЛАПАРВАРӢ** پیله‌پروری *исми амал аз* **пиллапарвар**; пилладорӣ.

**ПИЛЛАПОЯ** پیله پایه *гуфт.* нардбон; *ниг.* **пила** II.

**ПИЛЛАРЕСӢ** پیله ریسی *ниг.* **абрешимресӣ**.

**ПИЛЛАСУПОРӢ** پیله‌سپاری пила супоридан (*ба бунгоҳи қабул*).

**ПИЛЛАТАЙЁРКУНӢ** پیله‌طیارکنی *исми амал аз* **пилла тайёр кардан**; пиллапарварӣ.

**ПИЛЛАХОНА** پیله خانه хонаи пиллапарварӣ.

**ПИЛЛАХУШККУНАК** پیله خشک کنک хона ё асбоб барои буғ ва хушк кардани пилла.

**ПИЛЛАХУШКОНӢ** پیله خشکانی хушконидани пилла.

**ПИЛЛАЧИГӢ** پیله‌چیگی *ниг.* **пилладорӣ**.

**ПИЛЛАҶО** پیله‌جا *варз.* нуқтаи омада расидан дар ягон мусобиқаи давидан; марра, ҷои шарти ҳисоб дар мусобиқа.

**ПИЛМИДАН** پلمیدن *гуфт.* ҷунбида гаштан; **пилмида гаштан** ба корҳои майдачуйда машғул шудан.

**ПИЛМУРҒ** پیل‌مرغ хурӯси мурғи марҷон.

**ПИЛПАЙКАР** پیل‌پیکر 1. филҷусса, пилтан. 2. бузургҷусса, қавиҳайкал.

**ПИЛПО(Й)** پیل‌پا(ی) *кит.* 1. қадаҳи бузурги шаробхӯрӣ, ратли гарон. 2. номи яке аз абзорҳои ҷангӣ, гурзи оҳанини калон.

**ПИЛСӮЗ** پیل‌سوز 1. чароғе, ки аз сӯхтани пилта ва равған(-и сиёҳ) равшанӣ медиҳад, чароғи сиёҳ, чинчароғ. 2. *ниг.* **пилта**.

**ПИЛТА** پلته 1. ресмони ғафс ё тасмаи аз пахта тофташуда, ки дар чароғи пилсӯз гузошта мешавад, фатила. 2. ресмони ғафси аз пахта тофта ё коғази борик бурида, ки бо пилтапеч (пилтакаш) ба лагандаи каллапӯш гузаронида мешавад.

**ПИЛТАБАХМАЛ** پلته‌بخمل як навъ бахмал, ки пилта-пилтаи рахдор аст.

**ПИЛТАГӢ** پلتگی 1. *мансуб ба* **пилта**: **чароғи пилтагӣ**.

**ПИЛТАКАШ** پلته‌کش сими борики махсус, ки ба воситаи он пилта ё коғази борик буридаро печонида ба лагандаи каллапӯш мегузаронанд; пилтапеч.

**ПИЛТАН** پیلتن филпайкар, қавиҷусса, пурзӯр.

**ПИЛТАПЕЧ** پلته‌پیچ фатилапеч, ҳар чизе, ки мисли фатила тоб дорад; пилтакаш.

**ПИЛТАСӮЗ** پلتک‌سوز 1. ҷои сӯхтани (оташ гирифтан) пилта, оташгирии пилта (*дар баъзе асбобҳои оташфишонӣ ва равшанидиҳанда*). 2. пилтагӣ; **милтиқи пилтасӯз** милтиқе, ки ба воситаи сӯхтани пилта оташ мефишонад; **чароғи пилтасӯз** чароғе, ки ба воситаи сӯхтани пилта равшанӣ медиҳад.

**ПИЛТАТОБ** پلته‌تاب 1. пилтатобанда, пилтакаш. 2. *маҷ.* борик.

**ПИЛТАЧАРОҒ** پلته‌چراغ чароғи пилтасӯз, чароғи сиёҳ.

**ПИЛУСТУХОН** پیل‌استخوان 1. оҷ, устухони фил. 2. *маҷ.* қавиҳайкал, бузургҷусса.

**ПИМА** پیمه мӯзаи намадин; мӯзаи дарунаш пашмин.

**ПИНА** پینه 1. ямоқ, дарбеҳ. 2. обила: **пинаи даст**.

**ПИНАДОР** پینه‌دار обиладор; дасти пинадор.

**ПИНАДӮЗ** پینه‌دوز *кит.* кӯҳнадӯз, порадӯз.

**ПИНАДӮЗӢ** پینه‌دوزی 1. *кит.* амал ва шуғли пинадӯз. 2. ҷое, ки дар он ҷо пинадӯз кор мекунад.

**ПИНАЗАДА** پینه‌زده *кит.* пойафзол ё либоси дарбеҳдор.

**ПИНАК** پینک хоби сабуке, ки одамро дар ҳолати нишастагиаш мебарад ва чашмонаш нимпӯш мешавад, чӯрт, ғанаб; **пинаки** *касеро* **вайрон накардан** а) касеро бедор накардан б) аҳамият надодан, парво надоштан; **пинаки** *касе* **паридан** аз ҳолати нимхобӣ (ғанаб) баромадан; аз ҳолати ғафлат баромадан; **пинаки** *касеро* **парондан** ҳушёр кардан касеро; **пинак рафтан** хоб ғалаба кардан бар касе, чӯрт задан.

**ПИНАКӢ** پینکی пинакзананда, пинакраванда; пинак; **пинакӣ задан** ғунудан, пинак рафтан, хоболуд будан; **дар пинакӣ будан** хоболуд будан, дар ғанаб рафтан.

**ПИНАКРАВӢ** پینکروی *исми амал аз* **пинак рафтан**; нимхобу нимбедор будан.

**ПИНГВИН** *лот.* پینگوین *зоол.* ҷонвари калони кӯтоҳболи баҳрӣ, ки болҳояш барои шино кардан хизмат мекунад ва парида наметавонад.

**ПИНГОН//БИНГОН** پنگان//بنگان *кит.* 1. коса, ҷом. 2. ташт, тос. 3. тоси соат, тоси мисини таҳсурох, ки онро дар миёни тағораи пуроб мегузоранд ва як бор пур шудани он аз об як вақти муайянеро мефаҳмонад.

**пиндор** پندار *асоси замони ҳозира аз* **пиндоштан**.

**ПИНДОР** پندار 1. фикр, андеша; гумон, хаёл, тасаввур. 2. гумони бад, шак. 3. *маҷ.* калонгарии аз ҳад зиёд, худро калон гумон кардан, худбинӣ; кибру ғурур.

**ПИНДОШТ** پنداشت *ниг.* **пиндор** 1.

**ПИНДОШТАН** پنداشتن 1. тасаввур кардан, гумон кардан, хаёл намудан. 2. ҳисоб кардан, худро калон гирифтан, гумон кардан.

**ПИНУ** پینو *кит.* дӯғи турши хушкшуда, қурут.

**ПИНҲОН** پنهان 1. пӯшида, ниҳон, нонамоён; *муқоб.* **ошкор**. 2. махфӣ, рустӣ; **пинҳон гаштан (шудан)** нонамоён шудан, руст шудан; **пинҳон (нигоҳ) доштан** пӯшида доштан, маълум накардан, ошкор накардан, махфӣ нигоҳ доштан; **пинҳон кардан** а) пӯшида нигоҳ доштан, ошкор накардан; б) руст кардан, нопадид гардонидан; **пинҳон мондан** пӯшида мондан, махфӣ боқӣ мондан, ошкор доштан.

**ПИНҲОНГОҲ** پنهانگاه ҷои пинҳон шудан ё пинҳон кардан.

**ПИНҲОНДОРӢ** پنهانداری пинҳон доштан, пинҳон кардан.

**ПИНҲОНӢ** پنهانی 1. пӯшида, махфӣ, мастур; **вазифаи пинҳонӣ**; **сӯҳбати пинҳонӣ** гуфтугӯи пӯшида, сӯҳбати ғайриошкор. 2. ба тарзи пинҳон, махфиёна: **пинҳонӣ амал (кор) кардан**; **супориши пинҳонӣ** супориши махфӣ.

**ПИНҲОНКОР** پنهانکار 1. пинҳон амалкунанда. 2. ба таври махфӣ коркунанда; амалкунандаи махфӣ: **гурӯҳҳои пинҳонкор.**

**ПИНҲОНКОРӢ** پنهانکاری 1. пинҳон кардан. 2. махфӣ амал кардан.

**ПИНҲОНКОРОНА** پنهان کارانه ба таври пинҳонӣ.

**ПИНҲОНКУНӢ** پنهانکنی пинҳон кардан, руст кардан; аз чашми *касе* ғоиб нигоҳ доштан.

**ПИР** پیر 1. солхӯрда, умрдида, кӯҳансол; *муқоб.* **ҷавон**. 2. қадим, дерин: **дунёи пир**. 3. *маҷ.* кӯҳна, қафомонда. 4. *кҳн.* шахси таърихӣ ё афсонавие, ки собиқ аҳли касбу пеша ӯро ба худ пешво қарор медоданд; (*мас.,* **пири бофандаҳо**-*Имоми Аъзам,* **пири саисон** *Қанбар-саиси халифа Алӣ ва г.).* 5. *д.* муршид, роҳнамо, шайхе, ки ба худ мурид ва эътиқодмандон мегирифт: **пири роҳ**, **пири тариқат**; **асои пир ба ҷои пир** (*зарб*). 6. марди ҷаҳонгашта ва кордида, таҷрибанок: **пири хирад**, **пири ҳунар**, **пир нест**, **тадбир нест** (*зарб.*); **пири кор** а) устоди кор, корозмуда, ботаҷриба; б) *киноя аз* шоирони пешина, саромадани сухан; **пири таълим** муаллим, устод; **пири барнодил** кӯҳансоли дилаш ҷавон; **пири майкада (муғон)** соҳиби майхона; **пир кардан** ҷисман заиф гардонидан, аз кор баровардан (*мас., дард, ғами касеро*); **пир шудан** а) кӯҳансол гаштан; б) беравнақ шудан; забун гаштан; **ҳавсала пир шудан** барҳам хӯрдани рағбат, аз байн рафтани майл (ба коре): ◊ **гови пир кунҷора хоб мебинад** (*мақ.*).

**ПИРА** پیره пир, кӯҳансол.

**ПИРАЗАН** پیرزن зани пир, зани солхӯрда, кампир.

**ПИРАЗОЛ** پیرزال пиразан, кампир.

**ПИРАК** پیرک *шакли тасғир ва навозишии* **пир**.

**ПИРАКӢ** پیرکی одами пир, пирамард, кӯҳансол.

**ПИРАМАРД** پیره‌مرد марди пир, кӯҳансол, солхӯрда, мӯйсафед.

**ПИРАМИДА** *ю.* پیرمیده 1. *ниг.* **аҳром**. 2. шакли ҳандасӣ, аҳром.

**ПИРАСАР** پیره‌سر пир, солхӯрда, кӯҳансол, мӯйсафед.

**ПИРАҲАН** پیرهن *ниг.* **пироҳан**.

**ПИРБОНУ** پیربانو соҳибхоназани пир, хонуми пир.

**ПИРГОВ** پیرگاو 1. гови пир. 2. *киноя аз* одами бефикр, камандеша, беҳавсала (*дар мавриди таҳқир*).

**ПИРДУХТАР**پیردختر духтари солхӯрдаи шавҳарнакарда, духтари шавҳарнадида.

**ПИРЗАН** پیرزن *ниг.* **пиразан**.

**ПИРЗОЛ** پیرزال *ниг.* **пиразол**.

**ПИРИНӢ** یرینی *кит.* 1. як навъ хӯроки ширин, ки аз орди биринҷ ва ширу шакар мепазанд; фиринӣ, муқаллабӣ. 2. *киноя аз* маҳбуба.

**ПИРӢ** پیری 1. кӯҳансолӣ, солхӯрдагӣ, ҳолати солхӯрдагӣ, пир будан. 2. *маҷ.* сустӣ, заифӣ, камқувватӣ.

**ПИРМАРД** پیرمرد *ниг.* **пирамард**.

**ПИРМОМ** پیرمام *кит.* момои пир, модари пир.

**ПИРОЗА** پیرازه *кит.* навъ ва намуди кашидани нах дар шерозаи китоб барои маҳкам кардани он.

**ПИРОИШ** پیرایش *ниг.* **пероиш**.

**ПИРОМУН** پیرامون *ниг.* **перомун**.

**ПИРОНА** پیرانه 1. *мансуб ба* **пир**. 2. муносиби пирон, лоиқи пирон, хоси пирон: **овози пирона**, **чашмони пирона**. 3. ба тарзи (ҳаракати) пирон, монанди (ҳолати) пирон. 4. *маҷ.* хирадмандона, ботадбирона.

**ПИРОНАСАР**پیرانه‌سر ҳангоми пиронсолагӣ, айёми пирӣ, дар ҳолати пирӣ.

**ПИРОНАСАРӢ** پیرانه‌سری *мансуб ба* **пиронасар**; вақти пирӣ.

**ПИРОНСОЛ** پیرانسال пир, солхӯрда, хеле умрдида.

**ПИРОНСОЛАГӢ** پیرانسالگی пирӣ, куҳансолӣ; вақти пирӣ: **дар вақти пиронсолагӣ**.

**ПИРОНСОЛӢ** پیرانسالی *ниг.* **пиронсолагӣ**.

**ПИРОСТАН** پیراستن *ниг.* **перостан**.

**ПИРОҲАН** پیراهن *ниг.* **пероҳан**.

**ПИРОҲАНГУЛГУН** پیراهن‌گلگون *кит.* 1. он ки куртаи гулдор мепӯшад; *маҷ.* маҳбубаи куртасурх, зеболибос. 2. *маҷ.* хунолуд, шаҳидгашта.

**ПИРОҲАНДӮЗ** پیراهن‌دوز куртадӯз, он ки куртаворӣ медӯзад, дӯзандаи курта.

**ПИРОҲАНДӮЗӢ** پیراهن‌دوزی 1. амал ва шуғли куртадӯз, пироҳан дӯхтан, куртадӯзӣ. 2. коргоҳ ё дукони пироҳандӯзӣ.

**ПИРОҲАНӢ** پیراهنی 1. *мансуб ба* **пироҳан**. 2. муносиб барои дӯхтани пироҳан; махсуси пироҳан.

**ПИРОҲАНХОБ** پیراهن‌خواب либоси хоб, тагпӯш барои хобидан.

**ПИРОҲАНЧОК** پیراهن‌چاک *ниг.* **пераҳанчок**.

**ПИРОЯ**پیرایه *ниг.* **пероя**.

**ПИРОЯБАНД** پیرایه‌بند *ниг.* **пероябанд**.

**ПИРОЯБАНДӢ** پیرایه‌بندی *ниг.* **пероябандӣ**.

**ПИРОЯПӮШ** پیرایه‌پوش *ниг.* **перояпӯш**.

**ПИРОЯСОЗӢ** پیرایه‌سازی *ниг.* **пероясозӣ**.

**ПИР-ПИР**پر پر *калимаи тақлиди овоз,* ки ларзиш ё паридани чизеро ифода мекунад: **пир-пир паридан**.

**ПИРСАГ** پیرسگ 1. саги пир. 2. *киноя аз* одами бадфеъли бадкирдор (*дар мавриди таҳқир*).

**ПИРСОЛ** پیرسال солхӯрда, куҳансол.

**ПИРӮЗ** پیروز 1. фирӯз; музаффар, ғолиб; **пирӯз гаштан (омадан)** ғолиб гаштан (омадан). 2. комёб, хушу хуррам; **бахти пирӯз** толеи баланд.

**ПИРӮЗА** پیروزه *ниг.* **фирӯза**.

**ПИРӮЗАГУН** پیروزگون *ниг.* **фирӯзагун**.

**ПИРӮЗАРАНГ** پیروزه‌رنگ *ниг.* **фирӯзаранг**.

**ПИРӮЗАТАХТ** پیروزه‌تخت *кит.* тахти бо пирӯза зинат додашуда.

**ПИРӮЗАТАШТ** پیروزه‌طشت *кит., киноя аз* осмон.

**ПИРӮЗАХТАР** پیروزاختر саодатманд, хушбахт, комёб.

**ПИРӮЗБАХТ** پیروزبخت *кит.* дорои бахти баланд, ботолеъ, баландбахт.

**ПИРӮЗБАХТӢ** پیروزبختی баландбахтӣ, баландтолеӣ.

**ПИРӮЗГАР** پیروزگر *кит.* 1. ғолиб, музаффар, фотеҳ. 2. ғолибгардонанда.

**ПИРӮЗӢ** پیروزی 1. фирӯзӣ, ғалаба, фатҳ. 2.

хушбахтӣ, саодатмандӣ.

**ПИРӮЗМАНД** پیروزمند ғолиб, музаффар.

**ПИРӮЗМАНДӢ** پیروزمندی комёбӣ, ғолибият.

**ПИРӮЗМАНДОНА** پیروزمندانه 1. бо пирӯзӣ, бо ғолибият.

**ПИРӮЗРАЗМ** پیروزرزم *кит.* дар ҷанг ғолибшаванда, он ки дар набард пирӯз мешавад, пирӯзҷанг.

**ПИРӮЗРӮЗ** پیروزروز музаффару мансур; комёб, босаодат, хушбахт, саодатманд.

**ПИРӮЗҶАНГ** پیروزجنگ *ниг.* **пирӯзразм**.

**ПИРХАР** پیرخر 1. хари пир. 2. *киноя аз* одами камақли беҳавсала (*дар мавриди таҳқир*).

**ПИРХОНА** پیرخانه *кҳн.* хонаи дуохонии шайх, эшон ва амсоли онҳо.

**ПИРШАВӢ** پیرشوی пир шудан; кӯҳна шудан, афсурда шудан.

**ПИРШУДА** پیرشده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **пир шудан**; он ки пир шудааст. 2. *маҷ.* сустшуда, заифгашта.

**ПИРЯХ** پیریخ *геол.* яхҳои доимии қабатғафси болои кӯҳҳо: **пиряхҳои доимӣ**.

**писанд** پسند *асоси замони ҳозира аз* **писандидан**.

**ПИСАНД** پسند дилхоҳ, дилчасп, мақбул, хушоянд; **писанди назар** маъқул, хушоянд; **писанд будан** мавриди назар ва эътибор будан; **писанд гаштан (омадан, шудан)** маъқул шудан, мақбул омадан; **писанд кардан** *ба касе* маъқул кунонидан ба касе, қабул кунонидан чизеро ба касе; **писанд накардан** ба эътибор нагирифтан, аҳамият надодан (касеро, чизеро).

**ПИСАНДИДА** پسندیده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **писандидан**. 2. мақбул, маъқулшуда, хушкарда: **кори писандида**. 3. баргузида, писанд шуда: **писандидаи мардум**.

**ПИСАНДИДАКЕШ** پسندیده‌کیش 1. он ки дину оини нек дорад. 2. *маҷ.* неккирдор, некрафтор.

**ПИСАНДИДАКОР** پسندیده‌کار накӯамал, неккирдор: **одами писандидакор**.

**ПИСАНДИДАН** پسندیدن 1. қабул кардан, пазируфтан, маъқул донистан, хуш кардан; **маслиҳати** *касеро* **писандидан** маслиҳати касеро қабул кардан. 2. интихоб кардан, баргузидан, мақбул донистан: **он чи бар худ написандӣ, ба дигаре маписанд** (*мақ.*).

**ПИСАНДИДАДАРОЙ** پسندیده‌رای некрой, хуштабиат, некхислат.

**ПИСАНДИДАТАБЪ** پسندیده‌طبع хуштабъ, нектабъ.

**ПИСАНДИДАФИКР** پسندیده‌فکر хушзеҳн, хушфикр, некандеш, некрой.

**ПИСАНДИДАХУЛҚ** پسندیده خلق соҳиби хулқу хислати нек, писандидатабъ.

**ПИСАНДИДАХӮ(Й)** پسندیده‌خو(ی) некӯхӯй, покизатабъ, хушхулқ, писандидахулқ.

**ПИСАР** پسر 1. фарзанди нарина; *муқоб.* **духтар**; **писари угай** писари шавҳар аз зани дигар ё писари зан аз шавҳари дигар; писарандар; **писар ёфтан** соҳиби писар шудан. 2. бача. 3. ҷавон (*дар мавриди хитоби одами солдида ба ҷавон*).

**ПИСАРАК** پسرک 1. *шакли тасгир ва навозиши* **писар**. 2. писарбача.

**ПИСАРАНДАР** پسراندر писари ӯгай, писари зан аз шавҳари дигар нисбат ба мард ва баръакс.

**ПИСАРБАЧА** پسربچه писар, писарак, бача.

**ПИСАРГИР** پسرگیر он ки писари каси дигарро ба писарӣ гирифтааст, он ки хоҳони писархонд кардан аст.

**ПИСАРДОР** پسردار он ки писар дорад, соҳиби писар, дорои писар.

**ПИСАРЗОДА** پسرزاده зодаи писар, фарзанди писар, набера.

**ПИСАРИНА** پسرینه 1. фарзанди нарина. 2. *ниг.* **писарона**.

**ПИСАРӢ** پسری *мансуб ба* **писар**; **расми писарӣ** одоб ва қоидаи фарзандӣ.

**ПИСАРОНА** پسرانه бачагона, муносиби писар, лоиқи писар, хоси писарон; ба таври писарон; **либоси писарона** либоси бачагӣ.

**ПИСАРНАБЕРА** پسرنبیره набераи писар; набераи писарӣ.

**ПИСАРХОЛА** پسرخاله писари хола, писари хоҳари модар.

**ПИСАРХОНД(А)** پسرخواند//پسرخوانده писарбачае, ки *касе* ӯро ба писарӣ қабул карда фарзанди худ номидааст.

**ПИСАРЧА** پسرچه *ниг.* **писарак**.

**ПИСК** پسک *лаҳҷ.* пасафгандаи буз, гӯсфанд ва монанди инҳо.

**ПИСТ** پست орд, орди ғаллаи бирён аз қабили гандум, ҷав, нахӯд *ва г.*

**ПИСТА** پسته донаи мағздоре, ки мағзи сабз дорад ва баъди пухтан даҳон во мекунад: дарахти писта; **пистаи хандон** а) пистаи кушода; б) *киноя аз* лабу даҳони маҳбуба.

**ПИСТАГӢ** پستگی *мансуб ба* **писта**; **ранги пистагӣ** ранги сабзи мисли ранги мағзи писта, пистоқӣ; **ҳалвои пистагӣ** ҳалвое, ки бо писта пухта мешавад.

**ПИСТАДАҲОН** پسته‌دهان даҳонаш танги зебо (*сифати зан*).

**ПИСТАЗОР** پسته‌زار ҷои рӯидани дарахти писта, анбӯҳи дарахтони писта.

**ПИСТАКОРӢ** پسته‌کاری амали коштани писта, коридани писта, киштукор ва нигоҳубини писта.

**ПИСТАҚӢ** پستقی *ниг.* **пистоқӣ**.

**ПИСТАЛАБ** پسته‌لب *киноя аз* маъшуқа.

**ПИСТАМАҒЗ** پسته‌مغز 1. мағзи писта. 2. *маҷ.* мағзи хеле бомазаву серравған.

**ПИСТОҚИРАНГ** پستاقی‌رنگ *ниг.* **пистоқӣ** I.

**ПИСТОҚӢ** I پستاقی пистаранг, сабз.

**ПИСТОҚӢ** II پستاقی *лаҳҷ., ниг.* **потусқа**.

**ПИСТОН** I پستان узвест дар синаи занон ё шиками ширхорони модина, ки дар он шир ҳосил мешавад: **нӯги пистон**.

**ПИСТОН** II پستان *ҳ.* 1. пулакчаи поёни тир (патрон)-и аслиҳаҳои оташфишон, ки барои оташ додани он хизмат мекунад; потусқа. 2. потусқаи коғазӣ барои таппонча ва милтиқҳои бозичаи бачагон.

**ПИСТОНАК** پستانک 1. *ҳ.* ҷои бо ангушт зер карда оташ додани пистони аслиҳаҳои оташфишон; куланги милтиқ. 2. он чи резинӣ буда барои ором кардан ва шир хӯрондани тифлон ба кор мебаранд, чочак.

**ПИСТОНБАНД** پستان‌بند синабанд, синабандак.

**ПИСТОНДОР** پستان‌دار *зоол.* ҳайвон аз оилаи пистондоракҳо.

**ПИСТОНӢ** پستانی *марбут ба* **пистон**; порчаи сафеди нозук, ба даруни он кӯфтаи ширинихо, масалан, наботро тар карда мебастанд ва ба даҳони навзод мегузоштанд.

**ПИСХАНД** پسخند лабханди масхараомез, лабханд аз рӯи таҳқир ва истеҳзо, пузханд; **писханд задан (кардан)** лабханди масхараомез кардан; **ба писханд гап задан** бо истеҳзо гап задан.

**ПИСХАНДОМЕЗ** پسخندآمیز тамасхуромез, масхараомез, истеҳзомез.

**ПИСХО** پیسخا *д.* иди дини насрониён ва яҳудиҳо.

**ПИТИР-ПИТИР** پترپتر *калимаи тақлиди овоз*, ки ҷунбиши тезро ифода мекунад.

**ПИТОН** پیتان *зоол.* мори бузурги безаҳр.

**ПИТПИЛИҚ** پیت‌پلیق *калимаи тақлиди овози* бедона (вартишк).

**ПИХ** I پخ *ниг.* **пах**.

**ПИХ** II پیخ барҷастагиҳои сахти пойҳои баъзе парандагон (*мас., дар пои хурӯс*), ки вақти ҷангашон кор медодааст.

**ПИҲ//ПЕҲ** پیه *кит.* равғани рӯи гӯшт, чарбу.

**ПИЧА** پیچه муй, мӯйсар, қисмати пеш ва бари мӯйсар; *муқ.* **печа**.

**ПИЧАБАНД** پیچه‌بند *ниг.* **печабанд**.

**ПИЧАН(Д)** پیچن//پیچند ғарами беда, алаф, хошок *ва г.*

**ПИЧАСАФЕД** پیچه‌سفید *ниг.* **печасафед**.

**ПИЧИНГ** پچینگ *гуфт.* гаппаронӣ, гап партофтан ба касе гапи нешдор партофтан ба касе; **пичинг задан (кардан)** гапи нешдор гуфтан, мазоҳ карда гап задан; **пичинг парондан** гапи нешдор гуфтан, гаппаронӣ кардан.

**ПИЧИНГОМЕЗ** پچینگ‌آمیز бопичинг, нешдор, кинояомез (*гап*).

**ПИЧИНГОМЕЗОНА** پچینگ‌آمیزانه ба таври пичингомез, кинояомезона.

**ПИЧИНГПАРОНӢ** پچینگپرانی *гуфт.* пичинг парондан, гапи заҳромез гуфтан, гаппаронӣ.

**ПИЧИР-ПИЧИР** پچیرپچیر *калимаи тақлиди овоз*, ки хеле паст ва оҳиста гап задани як кас ё якчанд касро мефаҳмонад, зери лаб гап задан; **пичир-пичир кардан** зери лаб оҳиста сухан кардан.

**ПИЧИРРОС** پچیراس пичир-пичир, зери лаб гап задан; **пичиррос задан (кардан)** пичир-пичир гап задан, зери лаб чизе гуфтан.

**ПИЧИРРОСӢ** پچیراسی *мансуб ба* **пичиррос**; **овози пичирросӣ** овози пичир-пичир.

**ПИШАК** پشک гурба; **пишаки** *касеро* **пишт (на) гуфтан** *мач.* ба касе халал (на) расонидан.

**ПИШАКБАЧА** پشکبچه бачаи пишак.

**ПИШАКШӮ(Й)** (پشکشو(ی*мач.* шустушӯи нотамом; **пишакшӯ(й) кардан** (*рӯйро*) нотамом шустан (*рӯйро*).

**ПИШГИЛ** پشگیل саргини ҳайвонот монанди шутур, буз, гӯсфанд *ва г.*

**ПИШК** پشک *лаҳҷ.* саргини ғелони буз, гӯсфанд, шутур *ва г.,* писк.

**ПИШЛОҚ** پشلاق *лаҳҷ.* як навъ хӯрок, ки аз шир монади панир пухта мешавад.

**ПИШ-ПИШ** پش پش *калимаи тақлиди овози* чеғ задани гурба.

**ПИШТ** پشت *калимаи тақлиди овози* пеш кардани гурба; **гурбаи** *касеро* **пишт нагуфтан** ба кори касе дахл (халал) нарасонидан.

**ПЛАЗМА** *ю.*پلزمه қисми обакии таркибии бофтаҳои органикии гуногун (*мас.*, *хун*).

**ПЛАСТИДАҲО** *ю.* پلستیدهها *бот.* ҷисмчаҳои беранг ё рангдори протоплазмаи бофтаҳои растаниҳо, ки барои мавҷудияти растаниҳо аҳамияти калон доранд.

**ПЛАСТИЛИН** *ю.* پلستلین маводи аз гил, мум ва равған тайёршуда барои ҳайкалсозӣ.

**ПЛАСТМАССА** *ю.* پلستمسه маводи сунъие, ки аз ҳар гуна моддаҳо тайёр мекунанд ва аз он ҳар гуна асбобҳо месозанд.

**ПЛАТИНА** *исп.* پلتینه филизи сафедранги қиматбаҳои ба гармӣ ниҳоят тобовар.

**ПЛАТСКАРТА** *олм.* پلتسکرته билети махсус барои ҷои муайян дар вагон.

**ПЛОМБА** *олм.* پلامبه 1. тамғаи қурғошимӣ, ки ба молҳо ва ба борҳои бастаи вагон, дӯкон ва ғайра овехта мешавад. 2. хамире, ки онро ба сӯрохи дандон мегузоранд: **сӯрохи дандонро пломба кунондан**.

**ПЛУГ** *олм.* پلوگ абзор ва мошини шудгор, ки ба трактор ё асп баста мешавад, испор.

**ПЛУТОНӢ** *лот.* پلوتانی унсури химиявии радиоактивӣ, ки аз уран ва торий истеҳсол мекунанд.

**ПНЕВМАТИКӢ** *ю.* پنیومتیکی ҳар асбоби ба амали фушурдашавии ҳаво асосёфта.

**ПО(Й)** (پا(ی 1. узви бадани инсон ва ҳайвон, ки воситаи рафтан аст ва бадан дар болои онҳо қарор гирифтааст. 2. *бо изофат* – (*қисми зери чизе*; таг, зер, бун) **пои**... зери..., таги..., буни.... 3. қисми зерини пой, қадам. 4. *мач.* тоқаи пойафзол ё як почаи шим, эзор *ва г.* 5. ба тарзи истиора истифода шудааст; **пои кор; по ба по** қадам ба қадам; баробар, ҳамроҳ; **по ба пои** *касе* **роҳ рафтан; гапи подарҳаво** гапи берабт, бемаънӣ, бемантиқ; **сар то по** тамоман, аз аввал то охир; **пои пиёда** пиёда; **ба пои худ** бе воситаи каси дигар, бо майли худ; **бо пои бараҳна** пойлуч, бе пойафзол; **по ба по рафтан** баробар рафтан, аз ҳам канда нашуда рафтан; **по ба лаби гӯр будан** пири фартут шудан, наздик ба марг будани касе; **по бар ҷо будан** устувор будан, собит будан; **пои** *касеро* **аз ҷое кандан** касеро аз ҷое дур кардан, рафтуои касеро қатъ гардонидан (*аз ҷое, ба ҷое*); **пои** *касеро* **аз осмон овардан** касеро ба ҷазояш расондан, несту нобуд кардан; **пои** *касе* **лағжидан** аз ҷо беҷо шудан; дар коре шикаст хӯрдан; **пои рафтуомад бурида гардидан** қатъ гардидани рафтуомад; **пой бар арсаи ҳаёт гузоштан** таваллуд шудан, ба дунё омадан; **пой баромадан** аз ҷояш беҷо шудани устухонҳои пой дар натиҷаи зарб хӯрдан; **пой ба ҷое нагузоштан** ба ҷое нарафтан; тарки равуой кардан; **пой беҷо мондан** аз ҳадди худ гузаштан; кори беҷо кардан; **пой гузоштан (ниҳодан)** қадам мондан; рафтан; ба ҷое дохил шудан; **пой дароз кардан** *мач.* мурдан; **пой канда шудан аз ҷое** қатъ гардидани рафтуомад аз ҷое; **пой кашидан аз ҷое** тарки рафтуой кардан аз ҷое; **пой мондан** қадам задан; рафтан; **пой каҷ ниҳодан** нодуруст кор кардан, хилофи қоида амал кардан; **пойро дониста мондан** фикр карда кор кардан, санҷида ва бо мулоҳиза кор кардан; **по кӯфтан** а) кафи пойро ба замин задан; б) рақсидан; **по на-**

**кашида мурдан** ҷо ба ҷо мурдан, якбора мурдан; **пой накашидан** майли рафтан надоштан; **по шав!** хез! гурез!; **аз по афтодан** а) беҳол шудан, монда шудан (*аз кор, аз роҳгардӣ*); б) ба замин афтодан, мағлуб шудан (*дар ҷанг, гӯштин*); **аз по афтондан** а) ғалтондан, б) ҳалок кардан; **аз пой мондан** хаставу нотавон шудан, тоби роҳгардӣ надоштан; **аз пои** *касе* **гирифтан** ба *касе* қасди бад кардан, дар паи қасди касе шуда; **ба курпа нигоҳ карда пой дароз кардан** мувофиқи қувват ва имкони худ кор кардан; **ба пои худ омадан** (*ба майли худ*) омадан; **ба пой хестан** а) бархостан; б) сиҳат шудан, сиҳат ёфтан; **ба по рост шудан** бархостан, шудан аз ҷои нишаст; **ба по хезондан** барангехтан, баланд шӯронидан; **ба по ҳино баста** *киноя аз* касе ё чизе ниҳоят суст ҳаракаткунанда; **ба як по истодан**; **дасту пой гум кардан** саросема шудан, ихтиёр аз даст додан; **ду пойро ба як мӯза (маҳсӣ) ҷо карда (тиққонда) нишастан** сахт истодагарӣ кардан, исрор кардан ба гуфтаи худ; **дониста по мондан** беҷо кор накардан, бо мулоҳиза ва андеша кору рафтор кардан; **зери по шудан** помол гаштан, хору забун шудан; **зери по кардан** поймол кардан, забун гардонидан; **пушти по задан** даст кашидан, сарфи назар кардан; беқадру эътибор кардан; **сар аз пой фарқ накардан** сахт дар таъсири ҳиссиёти худ будан, дар шавқу ҳаяҷон будан; **як по дар гӯр будан** пиру нотавон шудан, наздик ба марг расидан.

**ПОАВРАНҶАН** پاورنجن ҳалқаи зарин ё нуқрагин, ки занҳо ба пой мебанданд, халхол.

**ПОАНДОЗ** پانداز *ниг.* **пойандоз**.

**ПОАФШОР** پاافشار *боф.* ду тахтачаи хурди ба андозаи кафи пой дар дастгоҳи бофандагӣ, ки бофандагон дар рӯи онҳо по гузошта ба навбат мефишоранд ва дастгоҳро ба ҳаракат медароранд.

**ПОБАЛАНД** پابلند *кит.* 1. пойдароз (*ҳайвоноти монанди шутур, асп ва* ғ.). 2. *маҷ.* устод, моҳир; машҳур.

**ПОБАНД** پابند 1. банд, расан *ва ғ.,* ки ба пои ҳайвонот мебанданд. 2. гирифтор, муқайяд, бандӣ: **побанди зиндон**, **побанд шудан** а) пои чизеро бо банд бастан; б) гирифтор шудан.

**ПОБАРАҲНА** پابرهنه 1. бепойафзол, пойлуч. 2. *маҷ.* камбағал, бечора.

**ПОБАРАҲНАГӢ** پابرهنگی 1. *маҷ.* пойлучӣ. 2. бечорагӣ, камбағалӣ.

**ПОБАРҶО(Й)** I (پابرجا(ی *кит.* 1. устувор, маҳкам, пойдор: **побарҷо истодан**. 2. дар ҷои худ, беҷунбиш.

**ПОБАРҶО(Й)** II (پابرجا(ی афсурда, фартут, аз кор баромада, вайроншуда.

**ПОБАСТ** پابست 1. он ки ё он чи пояш баста шудааст; **побанд будан** а) пои чизе баста будан; б) гирифтор будан, муқайяд будан, побанд. 2. муқайяд, гирифтор. 3. *кит.* таҳкурсӣ, бунёд.

**ПОБАСТА** پابسته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **побаст будан**; пояш баста. 2. гирифтор, маҳбус, бандӣ.

**ПОБАСТАГӢ** پابستگی *шакли дигари сифати феълӣ аз* **побаста;** побаста будан; гирифтор будан.

**ПОБЕЛ** پابیل :**побел кардан** (**задан**) нарм кардани (гардонидани) замин бо бел.

**ПОБЕЛКАРДА** پابیل‌کرده *сифати феълии замони гузашта аз* **побел кардан**.

**ПО(Й)БОЗ** پاباز//پای‌باز *кит.* 1. пойкӯб, пойзан. 2. раққос, рақскунанда.

**ПОБОЗӢ** پابازی *ниг.* **пойбозӣ**.

**ПО(Й)БУРИДА** پابریده// پای‌بریده он ки ё он чи пойяш бурида шудааст, бо пои бурида, бепой.

**ПОБӮС** پابوس *ниг.* **пойбӯс**.

**ПОБӮСӢ** پابوسی *кҳн.* барои эҳтиром, пеши пои касе сар хам кардан; таъзим, зону задан дар пеши *касе*.

**ПОВАРАҚ** پاورق 1. калимаи аввали саҳифаи дуюм, ки барои мураттаб омадани варақаҳо дар охири саҳифаи якум навишта мешавад. 2. эзоҳи ба матни асосӣ дахлдор, ки дар поёни саҳифаи китоб зикр мешавад; ҳошия.

**ПОВЕСТ** *р.* پاویست асари бадеии аз ҷиҳати ҳаҷм хурдтар аз роман.

**ПОГАРОН** پاگران *кит., киноя аз* ҳомиладор, дуҷон.

**ПОГОН** *р.* پاگان парчаи хурди чоркунҷаи дорои нишони фарққунии унвонҳои ҳарбӣ, ки ба китф часпонида мешавад, палит, палитдор.

**ПОГОНДОР** پاگاندار 1. дорои погон. 2. *маҷ.*

амалдор.

**ПОҒА** پاغه *ниг.* **поғачӯб**.

**ПОҒАМОЛ** پاغه‌مال *ниг.* **поғачӯб**.

**ПОҒАНД** پاغند кулӯлаи пахтаи ҳаллоҷишуда, ки барои ресидан тайёр аст.

**ПОҒАЧӮБ** پاغه‌چوب чӯби борики махсус, ки ба он пахтаи ҳаллоҷишударо ҷудо-ҷудо печонида барои ресидан тайёр мекунанд.

**ПОҒУНДА** پاغنده 1. ҳар як пои зина, помонакҳои зинапоя. 2. *кит.* пахтаи ҳаллоҷишуда.

**ПОД** پاد *кит. ҷузъи пешини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънии* зид ва мухолиф *дар истилоҳсозӣ муодили* антӣ *аст*: **подмодда**, **подзаҳр**.

**ПОДА** پاده ҷамъи гову гӯсфанду буз *ва г.*, ки аз хонаҳо барои чаро ғун шудааст; ◊ **аз пода пеш чанг хезондан** ғалоғулаи беҳуда пеш аз ягон кор, воқеа *ва г.*

**ПОДАБАРО** پاده‌برا вақти баромадани пода.

**ПОДАБОН** پاده‌بان он ки подаро ба чаро мебарад, подавон.

**ПОДАБОНӢ** پاده‌بانی пода чаронидан; подачаронӣ кардан, чӯпонӣ.

**ПОДАВОН** پادوان *гуфт., ниг.* **подабон**.

**ПОДАНГ** پادنگ *кит.* як намуди василаи биринҷкӯбӣ, ки бо нерӯи по кор мекунад.

**ПОДАРГИЛ** پادرگیل 1. пой дар гил; пой дар рег. 2. *маҷ.* побанд, мутеъ, гирифтор.

**ПОДАРД** پادرد 1. дарди по. 2. он ки пояш дард мекунад.

**ПОДАРӢ** پادری 1. порчаи матоъ, ки дар поёни дар барои пок кардани по ва надаромадани чиркинӣ ба даруни хона мегузоранд. 2. остони дар, поёни дар, даргоҳ.

**ПОДАРОЗ** پادراز пояш дароз , он чи ё он ки пои дароз дорад, побаланд.

**ПОДАРҲАВО** پادرهوا 1. сарнагун, чаппа. 2. *гуфт.* беасос, пуч, суханҳои бемавқеву бебунёд, гапҳои ҳавоӣ, беасл, беасос.

**ПОДАХОНА** پاده‌خانه ҷои пода, қароргоҳи пода.

**ПОДАЧАРО** پاده‌چرا *ниг.* **подаҷо**; ҷои чаронидани пода.

**ПОДАҶО** پاده‌جا маҳалли ҷамъ омадан ва чарои пода.

**ПОДГОН** پادگان *ҳ., кит.* маҳалле, ки дар он қисми ҳарбӣ ҷойгир аст, гарнизон.

**ПОДЗАҲР** پادزهر 1. *тиб.* доруи зидди заҳр, чизе, ки бар зидди заҳр кор фармуда мешавад, заҳрмӯҳра. 2. ҳар чизе, ки асари чизи дигарро хунсо ё кам кунад.

**ПОДИР** پادیر *кит.* чӯбе, ки барои нигаҳдории девори хамида ё сақфи шикаста гузошта мешавад; тиргак, танба, пуштак, пуштибон.

**ПОДОМ** پادام *ниг.* **пойдом**.

**ПОДОР** پادار *ниг.* **пойдор**.

**ПОДОРӢ** پاداری 1. *кит.* пойдорӣ, муқовимат, барқарорӣ, истодагарӣ. 2. побарҷо, мустаҳкаму устувор будан; **подорӣ кардан** устуворӣ нишон додан, истодагарӣ кардан.

**ПОДОШ** پاداش 1. ҷазо, сазо. 2. мукофоти амал, музд; **подоши некӣ** мукофоти некӣ; ҷавоби некӣ; **подоши бадӣ** мукофоти бадӣ; ҷавоб ба бадӣ: **кулӯхандозро подош санг аст** (*мақ.*).

**ПОДОШДЕҲ** پاداشده *кит.* он ки подош медиҳад, подошдиҳанда.

**ПОДОШДИҲАНДА** پاداشدهنده *ниг.* **подошдеҳ**.

**ПОДОШДИҲӢ** پاداشدهی 1. ҷазодиҳӣ. 2. муздиҳӣ.

**ПОДОШТ** پاداشت *лаҳҷ., ниг.* **подош**.

**ПОДПОЛКОВНИК** پادپالکاونیک *ҳ.* унвони ҳарбӣ мобайни майор ва полковник.

**ПОДӮКОНӢ** پادکانی *кит.* 1. шахси каммояе, ки дар пои дӯкони дигаре нишаста савдо мекардааст. 2. даллол.

**ПОДШАҲ** پادشه *ниг.* **подшоҳ**.

**ПОДШИПНИК** *р.* پادشیپنیک абзори мудаввари мошин, ки гардиши гирдаи оҳани ҳаракаткунандаи меҳварро осон мегардонад.

**ПОДШО** پادشا *ниг.* **подшоҳ.**

**ПОДШОҲ** پادشاه 1. ҳукмрони мутлақи як мамлакат ё кишвар, соҳиби тахту тоҷ, шоҳ; **подшоҳ барин рӯз гузаронидан** бе ҳеҷ

камбудӣ зистан; аз ҳар ҷиҳат таъмин будан. 2. *маҷ.* фармонраво, соҳибихтиёр.

**ПОДШОҲБОЗӢ** پادشاه‌بازی як навъ бозӣ ки бо навбат буҷул партофта яке «подшоҳ» дигаре «вазир» мешавад ва «вазир» ҳукми «подшоҳ»-ро байни дигарон иҷро мекунад.

**ПОДШОҲДУХТАР** پادشاه‌دختر духтари подшоҳ.

**ПОДШОҲЗОДА** پادشاه‌زاده шоҳзода, фарзанди подшоҳ.

**ПОДШОҲӢ** پادشاهی 1. салтанат, ҳукмронӣ, мамлакатдорӣ; подшоҳ будан. 2. *мансуб ба* **подшоҳ**; **даври подшоҳӣ.** 3. мутааллиқ ба давлат; **подшоҳӣ кардан** а) ҳукмронӣ кардан, салтанат рондан; б) моли подшоҳ гардонидан, давлатӣ кардан, забт карда гирифтан мулку моли касеро; **подшоҳӣ шудан** аз они подшоҳ гардидан, давлатӣ шудан: ◊ **хоби чоштгоҳӣ беҳ аз подшоҳӣ**.

**ПОДШОҲОНА** پادشاهانه шоистаи подшоҳ, сазовори подшоҳ; шоҳона.

**ПОЁ** پایا мустаҳкам; сахт.

**ПОЁБ** پایاب *кит.* 1. обе, ки пой ба таги он мерасад, пастоб, гузаргоҳи об. 2. таги об, қаъри об. 3. *маҷ.* истодагарӣ, муқовимат, тобу тоқат.

**ПОЁН** پایان 1. поин, паст; *муқоб.* **боло.** 2. интиҳо, охир, анҷом. 3. нишеб, сарнишеб, тарафи паст; *муқоб.* **баланд**. 4. таг, зер, канор; **дар поён...** а) дар канори..., дар қисми поёнии...; б) дар интиҳои..., дар охири... ; **поён ёфтан** ба охир расидан, тамом шудан; **поён рафтан** ба пастӣ фуромадан; **поён фуромадан** паст кардан, ба зер шинондан; **поён фаромадан** ба паст фаромадан, аз боло ба пастӣ фуруд омадан; **аз аспи чаҳл поён фуромадан** таскин ёфтан, паст шудани хашми касе; **ба поён омадан (расидан)** анҷом ёфтан, тамом шудан; **сар поён фуровардан** сар хам кардан: ◊ **поёни шаби сияҳ сафед аст** (*зарб.*).

**ПОЁНБИН** پایان‌بین дурандеш, дурбин, оқибатбин, оқибатандеш.

**ПОЁНБИНӢ** پایان‌بینی дурандешӣ, оқибатандешӣ; дурандеш будан.

**ПОЁНӢ** پایانی 1. дар поён воқеъшуда; зерин. 2. интиҳоӣ, охирин. 3. *муқоб.* **болоӣ**: **синфҳои поёнӣ**.

**ПОЁННИШИН** پایان‌نشین *кит.* пастнишин, пастмақом, паструба, пастмартаба.

**ПОЁННОПАЗИР** پایان‌ناپذیر заволнаёбанда, беохир; ҷовидон.

**ПОЁНОБ** پایان‌آب 1. қисми поёнии (ягон) дарё: **поёноби Сирдарё**. 2. воқеъ дар поёни маҷрои рӯд. 3. гузаргоҳ, убургоҳ. пастоб.

**ПОЖАНД** پاژند *ниг.* **позанд**.

**ПОЖАХ** پاژخ *кит.* молиш; озор, азият.

**ПОЗА** پازه олатест аз оҳан, ки ба нӯги испор маҳкам карда замин шудгор мекунанд; оҳани ҷуфт.

**ПОЗАНД** پازند шарҳ ба «Занд» – тафсири «Авасто» бо забони форсии миёна (паҳлавӣ) дар замони Сосониён.

**ПОЗАРЕЗ** پازه‌ریز касе, ки касбаш поза рехтан аст, косиби позасоз.

**ПОЗАХ** پازخ *кит., ниг.* **пожах**.

**ПОЗАҲР** پازهر *ниг.* **подзаҳр**.

**ПОЗЕР** پازیر тиргак; ҳода; такя, сутунча.

**ПОЗИТИВИЗМ** *лот.* پازیتویزم ҷараёни фалсафии идеалистӣ, ки имконияти идроки қонуният ва муносибатҳои ҳастиро эътироф намекунад ва роли илмро фақат аз қайди асноду ҳодисаҳо иборат медонад.

**ПОЗИТИВӢ** پازیتیوی ба таҷриба ва далел асосёфта.

**ПОЗОЧ** پازاچ *кит.,* доя, дояи ширдиҳанда, дояи тарбиятгар.

**ПОИДАН** پائیدن 1. истодан, давом кардан, поянда будан, барқарор мондан, пойдор будан, истодагӣ кардан. 2. пинҳонӣ дидбонӣ кардан, посбонӣ кардан. 3. интизор будан, мунтазир шудан. 4. нигоҳубин кардан, парвариш кардан. 5. чаронидан, парво кардани ҳайвонот: **асппоӣ**, **говпоӣ**; **поида гаштан** *чизеро, касеро* таҳти назар гирифта гаштан касеро, чизеро; пинҳонӣ дидбонӣ кардан; **пайт поидан** фурсати муносиб ҷустан; **поида истодан** мунтазири *касе, чизе* шудан; пинҳонӣ (*касе, чизеро*) таъқиб кардан **роҳи** *касеро* **поидан** интизор шудан *ба касе*. **фурсат поидан** вақти муносиб ҷустан; **поида-поида** пинҳонӣ, рустӣ; почида-почида; **поида-поида рафтан** пинҳонӣ аз қафои касе рафтан; касеро таъқиб кардан.

**ПОИЖА** پایژه *ниг.* **поиза** 1.

**ПОИЗ** پاییز фасли хазон, тирамоҳ.

**ПОИЗА** پایزه *таър.* 1. ҳукму фармони подшоҳ, ки ба касе дода мешуд ва мардум мувофиқи он ба ҳамон шахс итоат мекарданд. 2. нишон ё аломате, ки дар давраи салтанати муғул дар шакли шер ва сари шер ё ҳайвоноти дигар сохта мешуд ва ба ҳокимону элчиён мувофиқи мартабаашон дода мешуд.

**ПОИЗГОҲ** پایزگاه *кит.* мавсими хазонрезӣ, фасли тирамоҳ, *муқ.* **поиз**.

**ПОИЗОН** پایزان 1. фасли хазон, мавсими тирамоҳ. 2. *мач.* айёми пирӣ.

**ПОИН** پایین *ниг.* **поён**.

**ПОИНГОҲ** پایین‌گاه *кит.* тарафи поин, тарафи зер; **поингоҳи мағриб** мағриб, тарафи ғарб.

**ПОИНӢ** پایینی *ниг.* **поёнӣ**.

**ПОИННИГАР** پایین‌نگر дурандеш, оқибатандеш, охирбин.

**ПОИНОБ** پایین‌آب *ниг.* **поёноб**.

**ПОИНПАРАСТ** پایین‌پرست *киноя аз* итоаткор, хидматкор, банда.

**ПОИНПАРАСТӢ** پایین‌پرستی *киноя аз* итоаткорӣ, бандагӣ.

**ПОИНТАЛАБ** پایین‌طلب зердаст, банда, мутеъ.

**ПОИСТА** پایسته поянда, доимӣ, барқарор, ҷовид.

**ПОИСТАН** پایستن 1. поидан, боқӣ мондан, пойдор мондан, доимӣ будан, поянда будан.

**ПОӢ** پائی *мансуб ба* **по: мошинаи дарздӯзии поӣ**.

**пой** پای *асоси замони ҳозира аз* **поидан**.

**ПОЙ** پای *ниг.* **по**.

**ПОЙАНДОЗ** پای‌انداز 1. фарш ё матое, ки барои иззату эҳтиром ба зери пои арӯсу домод ё меҳмони мӯҳтарам паҳн мекунанд. 2. шол ё гилеми камбар барои густурдан ба роҳрави хона.

**ПОЙАФЗОЛ** پای‌افزال афзоли по, чизе, ки ба по мепӯшанд (*мӯза, кафш ва г.*).

**ПОЙАФЗОЛДӮЗ** پای‌افزال‌دوز он ки поафзол медӯзад, кафшдӯз.

**ПОЙАФЗОЛДӮЗӢ** پای‌افزال‌دوزی 1. шуғл ва амали пойафзолдӯз; пойафзол дӯхтан. 2. ҷой ва макони дӯхтани пойафзол.

**ПОЙАФЗОЛФУРӮШ** پای‌افزال‌فروش он ки пойафзол мефурӯшад, фурӯшандаи пойафзол.

**ПОЙАФЗОЛФУРӮШӢ** پای‌افزال‌فروشی 1. шуғл ва амали пойафзолфурӯш. 2. ҷой ва маҳалли пойафзол фурӯхтан.

**ПОЙАФЗОР** پای‌افزار *ниг.* **поафзол**.

**ПОЙБАНД** پای‌بند 1. *ниг.* **обанд**. 2. пойдевор, таҳкурсӣ.

**ПОЙБАРАҲНА** پای‌برهنه *ниг.* **побараҳна**.

**ПОЙБАСТ** پای‌بست *ниг.* **побаст**.

**ПОЙБАСТА** پای‌بسته *ниг.* **побаста**.

**ПОЙБОЗӢ** پای‌بازی 1. покубӣ, пойзанӣ. 2. рақсу бозӣ, раққосӣ.

**ПОЙБОРИК** پای‌باریک борикпой; пои бориқдошта.

**ПОЙБӮСӢ** پای‌بوسی *ниг.* **побӯсӣ**.

**ПОЙГА** پای‌گه мусобиқаи аспдавонӣ, мусобиқаи давидан; **пойга мондан** дар давидан мусобиқа кардан; **майдони пойга** майдони мусобиқа.

**ПОЙГАВӢ** پای‌گوی *мансуб ба* **пойга**: **автомобили пойгавӣ**.

**ПОЙГАҲ** پای‌گه даромадгоҳи хона (*дар хонаҳои кӯҳна*), ки пойафзолро дар он ҷо мекашанд, поёни хона аз тарафи дар (*барои кашидани пойафзол*), кафшкан; **пойгаҳро холӣ ёфтан** фурсатро ғанимат донистан; **пойгаҳ холӣ шудан** хилват шудан, касе набудан, барои кори махфӣ ё суҳбати пӯшида шароит пайдо шудан.

**ПОЙГАҲНИШИН** پای‌گهنشین он ки дар пойгаҳ нишастааст, поённишин.

**ПОЙГАЧӢ** پای‌گچی иштирокдор пойга.

**ПОЙГОҲ** پای‌گاه *ниг.* **пойгаҳ**.

**ПОЙДАРОЗ** پادراز *ниг.* **подароз**.

**ПОЙДЕВОР** پای‌دیوار бунёди девор, таҳкурсии девори хона ва иморат.

**ПОЙДОМ** پای‌دام навъе аз дом, ки барои сайд кардани ҷонварон ба кор мебаранд; парандае, ки сайёдон барои фиреб дода ба даст даровардани дигар парандагон дар назди дом мебанданд.

**ПОЙДОН** پای‌دان *кит.* пойафзол, кафш.

**ПОЙДОР** پای‌دار 1. устувор, қоим, мустаҳкам. 2. барқарор; мавҷуд; **пойдор гардидан (шудан)** устувор ва мустаҳкам гардидан (шудан), барқарор гардидан; **пойдор истодан** устувор будан; **пойдор кардан** барқарор кардан; **пойдор мондан** барқарор мондан. 3. *маҷ.* нерӯманд, тавоно, пурқудрат, подор.

**ПОЙДОРА** پای‌داره *кит.* мададгор, ёридиҳанда; нигаҳдор.

**ПОЙДОРӢ** پای‌داری устуворӣ; истодагарӣ, тобоварӣ; барқарорӣ.

**ПОЙДОС** پای داس доси дастдароз.

**ПОЙКОР** پای‌کار 1. *кит.* ходими гузар, маҳалла, ки мардумро ба маъракаҳо хабар мекунад. 2. хизматгор, покор.

**ПОЙКӮБ** I پای‌کوب 1. зерипомонда, сумзада, поймол. 2. чӯби ғафси дарози (пои) обҷувоз, ки бо вай шолиро мекӯбанд.

**ПОЙКӮБ** II پای‌کوب 1. раққос, рақскунанда. 2. пойбоз, тезҳаракат.

**ПОЙКӮБӢ** پای‌کوبی 1. ҷоеро бо пой задан барои шибба кардан. 2. пойро ба замин кӯфта-кӯфта рақсидан; раққосӣ.

**ПОЙЛАҒЗ** پای‌لغز 1. ҷои лағжидани по; лағзиш. 2. *маҷ.* хато; гунаҳкор; 3. *маҷ.* осеб, зиён, зарар.

**ПОЙЛУЧ** پای‌لچ 1. побараҳна, бараҳнапо, бепойафзол. 2. камбағал, нодор, бечора, бечизу чора.

**ПОЙМАРД** پایمرد *кит.* 1. мададгор, ёридиҳанда, ёвар, дастгир. 2. шафеъ, шафоаткунанда, восита, миёнарав.

**ПОЙМАРДӢ** پای‌مردی *кит.* 1. мададгорӣ, ёрӣ, ёрирасонӣ, дастгирӣ. 2. шафеъ, шафоаткунанда, восита, миёнарав.

**ПОЙМОЛ** پایمال 1. зери по, лагадкӯб. 2. хароб, вайрон, абгор, зоеъ, нобуд; **поймол гаштан** а) зери по шудан, таги по шудан, лагадкӯб шудан; б) харобу вайрон шудан, зоеъ гаштан; **поймол кардан** а) лагадкӯб кардан, б) хароб гардонидан, зоеъ сохтан, нобуд кардан.

**ПОЙМОЛГАШТА** پایمال‌گشته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **поймол гаштан**; зери по шудан, лагадкӯб шудан. 2. *лаҳҷ.* хору зоргашта.

**ПОЙМОЛКУНАНДА** پایمال‌کننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **поймол кардан**; лагадкӯб кардан; нобуд кардан. 2. вайронкунанда.

**ПОЙМОЛКУНӢ** پایمال‌کنی 1. поймол кардан. 2. *маҷ.* вайрон кардан.

**ПОЙМОЛШУДА** پایمال‌شده *ниг.* **поймолгашта**.

**ПОЙМОНАК** پای‌مانک ҷои пой мондан дар чизе; зинапоя, помонак.

**ПОЙМОНӢ** پای‌مانی пой мондан, қадам задан; роҳ гаштан.

**ПОЙМУЗД** پای‌مزد ҳаққи ташриф, музди қадам, музде, ки ба табибон, мутрибон *ва г.* барои қадам ранҷа кардан дода мешуд; пойранҷ.

**ПОЙМУЗДӢ** پای‌مزدی *мансуб ба* **поймузд**.

**ПОЙНАРАСИДА** پای‌نرسیده ҷое, ки қадами кас ба он ҷо нарасидааст.

**ПОЙНОРАС** پانارس ҷое, ки қадами касе ба он ҷо расида наметавонад; душворгузар; дастнорас.

**ПОЙОВАР** پای آور *кит.* калон, бузург; қавӣ, боқудрат.

**ПОЙПАРТОӢ** پای پرتائی *ниг.* **поймонӣ**.

**ПОЙПАШ** پای پش *кит.* овози пой, шарфаи пой ҳангоми роҳ рафтан.

**ПОЙПЕЧ** پای پیچ *ниг.* **пойтоба**.

**ПОЙПЕЧАК** پای پیچک пойро ба пои каси дигар печ додан барои ғалтондани вай, ҳалук; **пойпечак додан** ҳалук андохтан.

**ПОЙПӮШ** پای پوش *ниг.* **попӯш**.

**ПОЙРАНҶ** پای رنج *ниг.* **поймузд**.

**ПОЙСУТУН** پای ستون *меъ.* сутунҳои асоси иморатҳои калон;

**ПОЙСӮХТА//ПОСӮХТА** پای سوخته//پاسوخته беқарор, беором; ◊ **мурғи пойсӯхта барин**

хеле беқарор ва безобита.

**ПОЙТАК** پای تک *кит.* яккозод, яккафарзанд.

**ПОЙТАХТ** پایتخت 1. марказ; ҷои нишасти роҳбарияти давлат. 2. шаҳре, ки маркази мамлакату давлат интихоб шудааст: **Душанбе - пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон**.

**ПОЙТЕША** پای تیشه тешаи калони дастадароз, ки бо вай рост истода чӯб метарошанд.

**ПОЙТОБА** پای تابه *ниг.* **пайтоба**.

**ПОЙХАСТ** پای خست лагадкӯб, помол, зери по кардашуда.

**ПОЙЧА//ПОЧА** پای چه// پاچه 1. *шакли тасгири* **по(й)**. 2. пои чорпоён аз қабили буз, гӯсфанд, гов, ки барои пухтан омода шудааст. 3. қисми поёнии шалвор ё эзор, ҳар ду даҳони эзор ё шалвор аз тарафи поён, эзорпоча.

**ПОЙЧАПАЗ//ПОЙЧОПАЗ** پایچه‌پز//پایچاپز он ки каллаву почаи бузу гӯсфанд ва говро пухта мефурӯшад; каллапаз, почафурӯш.

**ПОЙҶОМА//ПОҶОМА** پای جامه// پاجامه эзори занона, шалвори занона, лозимӣ.

**ПОЙШИКАН** پای شکن *маҷ.* боқувват, зӯрманд; сахт.

**ПОЙШИКАСТА//ПОШИКАСТА**

پای‌شکسته//پاشکسته 1. он ки пояш шикаста бошад. 2. *маҷ.* оҷиз, нотавон, заиф, беқудрат.

**ПОЙШӮЙХОНА** پای شوی خانه хонаи либоскашӣ дар ҳамом.

**ПОК** پاک 1. покиза, беолоиш; соф, бағаллу ғаш. 2. бе айбу нуқс; муқаддас. 3. покдоман, афифа; **духтари пок**. 4. тамом, ҳамагӣ; **ишқи пок** ишқи ҳақиқӣ, ишқи соф; **пок-покиза** а) тамоман покиза, беолоиш; б) тамоман, батамом, то охир; **пок-покиза хӯрдан** то охир хӯрдан, ҳеҷ намонда хӯрдан; **пок будан** мубарро будан, олуда ё омехта набудан ба олоише; **пок гардидан (шудан)** тоза шудан; **пок кардан** тоза кардан: ◊ **хас каму ҷаҳон пок**.

**ПОКАЛТА** پاکلته покӯтоҳ, он ки пояш кӯтоҳ аст.

**ПОКАШАК** پاکشک бозии бачагона, ки бачаҳо пойҳояшонро дароз карда давра менишинанд ва чун сардори бозӣ ба касе ишора кунад, вай пояшро зуд аз давра мекашад.

**ПОКАШАКБОЗӢ** پاکشک‌بازی *ниг.* **покашак**.

**ПОКАШОЛ** پاکشال 1. суст, кашолакор. 2. танбал.

**ПОКБИН** پاک‌بین *ниг.* **покназар**.

**ПОКБОЗ** پاک‌باز 1. касе, ки бе ҳила ва макр қимор мебозад; касе, ки то охирин пули худ қимор мебозад. 2. росткор, ҳалолкор, дурусткор. 3. ошиқи босадоқат, ошиқи беғараз. 4. порсо, парҳезгор.

**ПОКБОЗӢ** پاک‌بازی *кит.* ошиқи садоқатмандона, муҳаббати беғаразона.

**ПОКБОТИН** پاک‌باطن *ниг.* **покзамир**.

**ПОКВИҶДОН** پاک‌وجدان виҷдонаш пок, дилсоф; ҳалолкор.

**ПОКВИҶДОНӢ** پاک‌وجدانی покдилӣ, ҳалолкорӣ, поксиришт, поктинат.

**ПОКГАВҲАР** پاک‌گوهر 1. покнасл, покнажод, некзод. 2. поксиришт, поктинат, покдил.

**ПОКДАСТ** پاک‌دست ҳалолкор.

**ПОКДАҲОН** پاک‌دهان *ниг.* **покзабон**.

**ПОКДИДА** پاک‌دیده покназар, покчашм, он ки дорои назари беғараз аст.

**ПОКДИЛ** پاک‌دل он ки дар дил кинаву ғараз надорад, он ки дар дил ҳилаю макр надорад, софдил, покзамир.

**ПОКДИЛӢ** پاک‌دلی покдил будан, софдилӣ, беғаразӣ, покизадилӣ.

**ПОКДИЛОНА** پاک‌دلانه софдилона; самимӣ, беғаразона.

**ПОКДИН** پاک‌دین 1. он ки расму оин ва кешу мазҳаби худро софдилона меписандад; бодин; боимон. 2. *маҷ.* одами бовиҷдон, одами некӯ ва соф, нексират.

**ПОКДИНӢ** پاک‌دینی покдин будан; эътиқоди қавӣ доштан.

**ПОКДОМАН** پاک‌دامن боиффат, боисмат.

**ПОКДОМАНӢ** پاک‌دامنی боисматӣ, боиффатӣ; парҳезгорӣ, порсоӣ.

**ПОКЗАБОН** پاک‌زبان покгуфтор, поксухан, покизагуфтор, покизасухан.

**ПОКЗАБОНӢ** پاکزبانی поксуханӣ, покгуфтор будан.

**ПОКЗАМИР** پاکضمیر покдил, покрайъ, покниҳод, поктинат.

**ПОКЗАМИРӢ** پاکضمیری пикдилӣ, покниҳодӣ, поктинатӣ.

**ПОКЗОД** پاکزاد покнажод, асил, покнасл.

**ПОКЗОДА** پاکزاده *ниг.* **покзод**.

**ПОКЗОТ** پاکذات *ниг.* **покзод**.

**ПОКИЗА** پاکیزه 1. пок, озода, тоза, соф: **ҳавои покиза**. 2. беайб, бенуқсон, бегуноҳ. 3. ҳалолкор; софдил. 4. дуруст, равшан; ба хубӣ; ҳаматарафа. 5. тамоман, батамом; то охир; **покиза гап задан** бе хато гап задан, озод сухан рондан; **покиза доштан** тоза нигоҳ доштан; эҳтиёт кардан.

**ПОКИЗААНДОМ** پاکیزه‌اندام *киноя аз* зебо, боҳусну ҷамол, хушрӯй, хушсурат.

**ПОКИЗААХЛОҚ** پاکیزه‌اخلاق некахлоқ, рафтораш писандида, боодоб.

**ПОКИЗАВИҶДОН** پاکیزه‌وجدان *ниг.* **поквиҷдон**.

**ПОКИЗАГАВҲАР** پاکیزه‌گوهر *ниг.* **покгавҳар**.

**ПОКИЗАГӢ** پاکیزگی тозагӣ, озодагӣ; софӣ.

**ПОКИЗАГӮЙ** پاکیزه‌گوی гӯяндаи суханони пок ва шоиста, некгуфтор.

**ПОКИЗАДИЛ** پاکیزه‌دل покдил, софдил, дилаш беғараз.

**ПОКИЗАДИЛӢ** پاکیزه‌دلی покдилӣ, софдилӣ.

**ПОКИЗАДОМАН** پاکیزه‌دامن *ниг.* **покдоман**.

**ПОКИЗАДОМАНӢ** پاکیزه‌دامنی *ниг.* **покдоманӣ**.

**ПОКИЗАКОР** پاکیزه‌کار ҳалолкор, дурусткор, дақиққор.

**ПОКИЗАКОРӢ** پاکیزه‌کاری ҳалолкорӣ, дурусткорӣ, дақиққорӣ.

**ПОКИЗАКОРОНА** پاکیزه‌کارانه ҳалолкорона, дақиққорона.

**ПОКИЗАКУНӢ** پاکیزه‌کنی покиза кардан, тоза кардан.

**ПОКИЗАҚАВЛ** پاکیزه‌قول покгуфтор, ростқавл.

**ПОКИЗАМАҒЗ** پاکیزه‌مغز ҳушманд, тезҳӯш, соҳиби ақли расо, зирак.

**ПОКИЗАНАВИС** پاکیزه‌نویس *ниг.* **покнавис**.

**ПОКИЗАНАЗАР** پاکیزه‌نظر *ниг.* **покназар**.

**ПОКИЗАНАФС** پاکیزه‌نفس покнафс, парҳезгор.

**ПОКИЗАПОСУХ** پاکیزه‌پاسخ он ки ҷавоби писандида медиҳад; некӯҷавоб.

**ПОКИЗАРОЙ** پاکیزه‌رای некраъй, соҳиброй, некандеш; доно.

**ПОКИЗАРӮ(Й)** پاکیزه‌رو(ی) зебо, хушрӯй.

**ПОКИЗАРӮӢ** پاکیزه‌روی зебоӣ, хушрӯӣ, хушсифатӣ.

**ПОКИЗАСИРАТ** پاکیزه‌سیرت *кит.* покизасиришт, поктинат, покдил.

**ПОКИЗАСИРИШТ** پاکیزه‌سرشت поктинат, покфитрат, софдил.

**ПОКИЗАТАБЪ** پاکیزه‌طبع *кит.* поктабиат, поктабъ, нексират, некхӯй.

**ПОКИЗАТАН** پاکیزه‌تن *кит.* поктан.

**ПОКИЗАТИНАТ** پاکیزه‌طینت *ниг.* **покизасират**.

**ПОКИЗАХӮ(Й)** پاکیزه‌خو(ی) хушхулқ, некӯкирдор, софтабиат.

**ПОКИЗАЧЕҲР** پاکیزه‌چهر зебо, хушрӯй.

**ПОКИЗАҶОН** پاکیزه‌جان *кит.* покизарӯй, равшанравон.

**ПОКӢ** پاکی 1. тозагӣ, покизагӣ, софӣ. 2. ҳалолкорӣ. 3. *маҷ.* сафедӣ, равшанӣ. 4. *маҷ.* покдоманӣ, иффат.

**ПОККИРДОР** پاک‌کردار хушрафтор, некӯкор.

**ПОККОРӢ** پاک‌کاری тозакорӣ, озодагӣ.

**ПОКМАҒЗ** پاک‌مغز *ниг.* **покизамағз**.

**ПОКМАРД** پاک‌مرد марди росткор, некмард, марди нектабиат.

**ПОКМЕҲР** پاک‌مهر покмуҳаббат, садоқатманд.

**ПОКНАВИС** پاک‌نویس аз нусхаи мусаввада кӯчонидашуда, тозанавис, рӯнависи тоза; **покнавис кардан** аз рӯи мусаввада аз нав навиштан.

**ПОКНАВИСӢ** پاکنویسی аз нав навиштан аз рӯи нусхае; тозанависӣ.

**ПОКНАЖОД** پاکنژاد нажодаш асил, асилзода.

**ПОКНАЖОДӢ** پاکنژادی покзодагӣ, асилзодагӣ.

**ПОКНАЗАР** پاکنظر он ки дорои назари беғараз аст, некбин.

**ПОКНАСАБ** پاک نسب *ниг.* **покнажод**.

**ПОКНАШАВАНДА** پاک نشونده 1. тозанашаванда. 2. нестнашаванда.

**ПОКНИҲОД** پاک نهاد *ниг.* **покизасиришт**.

**ПОКНИЯТ** پاک نیت нияташ пок; покдил.

**ПОКОБ** پاکآب *гуфт.* оби пок, ки барои охирин бор шустани либос истифода мешавад; **покоб кардан** бори охирин дар оби тоза чайқонда гирифтани либос вақти ҷомашӯӣ.

**ПОКОР** پاکار *гуфт., ниг.* **пойкор**.

**ПОКОРӢ** پاکاری :**покорӣ кардан** барои касе бо музди ночизе хизмат кардан; муздурӣ кардан.

**ПОК-ПОКИЗА** پاکپاکیزه 1. тамоман тоза. 2. бе ягон айбу нуқс. 3. беҳад ҳалолкор.

**ПОКРАГ** پاکرگ покхун, покизахун.

**ПОКРОЙ** پاکرای *ниг.* **покизарой**.

**ПОКСИРАТ** پاکسیرت *ниг.* **покизасират**.

**ПОКСИРИШТ** پاکسرشت покдил, тинаташ холӣ аз макр ва ғараз; покизасиришт.

**ПОКСИРИШТӢ** پاکسرشتی поктинатӣ, покдилӣ, покфитратӣ, поксифатӣ.

**ПОКТАБИАТ** پاکطبیعت ахлоқи нағз доштан, хайрхоҳ, накӯкор, беғараз.

**ПОКТИНАТ** پاکطینت *ниг.* **поксиришт**.

**ПОКУ** پاکو теғи тез, ки бо он ришу мӯйсар метарошанд, устура; **покуи бехатар** асбоби риштарошӣ, ки теғи тунук дорад; **поку задан**, **поку рондан** бо поку ришу мӯйсар тарошидан.

**ПОКУНДА** پاکنده *таър.* кундае, ки ба пои зиндониён зада мешуд.

**ПОКУШО** پاکشا кушодапо, озод, бебанд.

**ПОКӮБӢ** پاکوبی 1. по кӯфтан, позанӣ. 2. шаттазанӣ, лагадкӯбӣ; лагадкӯбӣ.

**ПОКФИТРАТ** پاکفطرت *кит.* поксиришт; покизатабъ, поктинат.

**ПОКҲИСОБ** پاکحساب *кит.* он ки дар ҳисоб фиреб намекунад; росткор.

**ПОКҶОМА** پاکجامه покизалибос, хушлибос, озода.

**ПОКШӮ(Й)** پاکشو(ی) мурдашӯй.

**ПОЛАҒЗ** پالغز *ниг.* **пойлағз**.

**ПОЛАНГ** پالنگ *ниг.* **полаҳанг**.

**ПОЛАҲАНГ** پالهنگ *кит.* ресмоне, ки ба ҳалқаи як тарафи лаҷоми асп мебананд ва аспро бо он ба етак мекашанд, яккаҷилав.

**ПОЛВОН** پالوان *гуфт.* паҳлавон, гӯштингир.

**ПОЛВОНӢ** پالوانی *гуфт.* паҳлавонӣ; гӯштингирӣ.

**ПОЛВОНКАЧАЛ** پالوانکچل 1. яке аз қаҳрамонҳои тамошои лухтак. 2. *маҷ.* одами фаҳӯли ношуд, одами забондарози ноӯҳдабаро.

**ПОЛГОНА** پالگانه дарича, ғурфа; равзан, тиреза, панҷара, тобадон; полигона; балкон.

**ПОЛЕЗ** پالیز *гуфт., ниг.* **полиз**.

**ПОЛИГОНА** پالیگانه *кит., ниг.* **полгона**.

**ПОЛИГРАФИЯ** *ю.* پالیگرفیه саноати корҳои матбаа ва чопи рӯзномаву китоб.

**ПОЛИГРАФӢ** پالیگرفی *мансуб ба* **полиграфия**: **саноати полиграфӣ**.

**ПОЛИДАН** پالیدن 1. ҷустуҷӯ кардан. 2. таровидан, зоҳидан; ҷорӣ шудан, рехтан. 3. ба охир расидан, тамом шудан. 4. пошидан; *муқ.* **полудан**.

**ПОЛИЗ** پالیز 1. ҷое, ки растаниҳои палакӣ ва сабзавот кошта мешавад. 2. киштзор, мазраа.

**ПОЛИЗАК** پالیزک 1. *шакли тасғири* **полиз**. 2. *гуфт.* бетартиб кардани зарфу чинигарӣ.

**ПОЛИЗБОН** پالیزبان он ки полизро посбонӣ мекунад; нигоҳубинкунандаи полиз.

**ПОЛИЗГОҲ** پالیزگاه киштзор, ҷои полиз.

**ПОЛИЗӢ** پاليزی *мансуб ба* **полиз**: **зироати полизӣ**, **растании полизӣ**.

**ПОЛИЗКОР** پاليزکار он ки дар полиз кор мекунад, сабзавоткор.

**ПОЛИЗКОРӢ** پاليزکاری шуғли полизкорӣ; зироати сабзавот.

**ПОЛИК** پاليک *кҳн.* чоруқе, ки ресмонҳои он ба банди пой печонда мешавад.

**ПОЛИКЛИНИКА** *ю.* پاليکلينيکه *ниг.* **дармонгоҳ**.

**ПОЛИКОНА** پاليکانه *ниг.* **полигона**.

**ПОЛИС** *олм.* پاليس *гуфт., ниг.* **политсия**.

**ПОЛИСЕМИЯ** *ю.* پاليسيميه *збш.* сермаъногии калима, сермаъноӣ.

**ПОЛИТЕИЗМ** *ю.* پاليتييزم *ниг.* **мушрикӣ**.

**ПОЛИТЕХНИКӢ** پاليتيخنيکی *мансуб ба* соҳаҳои гуногуни техникӣ: **таълими политехникӣ**.

**ПОЛИТСИЯ** *олм.* پاليتسيه 1. мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи дохилии давлатӣ дар баъзе кишварҳо. 2. коркунони политсия: **политсияи андоз**.

**ПОЛИФОНИЯ** *ю.* پاليفانيه *мус.* бисёрсадогӣ, серовозӣ.

**ПОЛИЭТИЛЕН** *ю.* پاليتيلين *хим.* моддаи сахти сафедранг.

**ПОЛК** *р.* پالک *ҳ.* як қисми қӯшун, ки аз чанд баталиён иборат аст: **полки гвардиягӣ**, **полки савора**.

**ПОЛКОВНИК** *р.* پالکاونيک 1. унвони афсарӣ, ки баландтар аз подполковник ва пасттар аз генерал-майор аст. 2. шахсе, ки ин унвонро дорад.

**ПОЛКОНА** پالکانه *кит., ниг.* **полгона**.

**поло(й)** پالا(ی) 1. *асоси замони ҳозира аз* **полоидан** ва **полудан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънии* **софкунанда**: **майполо** софкунандаи май; **ширполо** полояндаи шир.

**ПОЛО** پالا *кит.* асп.

**ПОЛОИДАН** پالائيدن *ниг.* **полудан**.

**ПОЛОИШ** پالا يش соф шудан, софшавӣ, тозашавӣ. 2. таровидан, қатра-қатра чакидан.

**ПОЛОИШГОҲ** پالا يشگاه ҷои (муассисаи) дастгоҳҳои полоишкунанда (*мас.,* **нафт**).

**ПОЛОН** پالان 1. пӯшише, ки болои ҳайвоноти боркаш барои бор ниҳодан ё савор шудан мегузаронанд. 2. асбобест дӯхта, ки борбардорон барои нигоҳ доштани бор ба пушт мегиранд: **хар ҳамон аст, полонаш дигар** (*мақ.*) зоҳиран дигар шуда бошад ҳам, дар асл (моҳиятан) ба ҳоли пештара аст.

**ПОЛОНА** پالانه баромадгоҳи хона аз тарафи сақф, баромадгоҳ.

**ПОЛОНБАНД** پالانبند тасма ё банде, ки бо он полонро ба пушти чорпои борбар меандозанд.

**ПОЛОНГАР** پالانگر полондӯз.

**ПОЛОНГАРӢ** پالانگری амали полондӯз, полондӯзӣ; полон дӯхтан, полон тайёр кардан.

**ПОЛОНДӮЗ** پالان دوز он ки полон барои ҳайвони боркаш медӯзад (тайёр мекунад).

**ПОЛОНДӮЗӢ** پالاندوزی *ниг.* **полонгарӣ**.

**ПОЛОНӢ** پالانی ҳайвони борбардор, ҳайвони боркаш.

**ПОЛОПОЛО** پالا پالا сахт, мушкил.

**ПОЛОЯК** پالايک *шакли тасғири* **поло**: **сафедкунак**, **поккунак** (филтр).

**ПОЛОЯНДА** پالاينده софкунанда, тасфиякунанда.

**ПОЛУҒ** پالغ қадаҳи (паймонаи) шароб, ки аз шохи гов, каргадан, устухони фил ва чӯб месохтанд.

**ПОЛУДА** پالوده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **полудан**. 2. *кит.* ширинiест баста, ки аз нишоиста ё орди биринҷ бо шакар ё оби мева мепазанд, моқут. 3. соф, тоза, пок. 4. *маҷ.* табоҳ, зоеъ, бекора.

**ПОЛУДАГӢ** پالودگی пок будан; соф кардан, пок намудан.

**ПОЛУДАМАҒЗ** پالودهمغز *кит.* покизамағз, покботин, покзамир, софдил.

**ПОЛУДАН** پالودن 1. соф кардан, аз софӣ гузаронидан, аз олоиш покиза кардан. 2. гудохтан, об карда тоза намудани зару нуқра *ва ғ.* 3. таровидан, рехтан. 4. зоеъ гардидан, табоҳ шудан.

**ПОЛУДАПАЗ** پالوده‌پز он ки ҳалвои полуда мепазад, пазандаи полуда.

**ПОЛҲАНГ** پالهنگ *кит., ниг.* **полаҳанг**.

**ПОМАС** پامس пойбанд, барҷомонда, дармонда, бечора.

**ПОМИДОР** *ит.* پامیدار растании яксолаи полизӣ, ки меваааш кулӯлаи сурх аст.

**ПОМИРӢ** پامیری *мансуб ба* **Помир**; **забонҳои помирӣ** як гурӯҳи забонҳои шарқии эронӣ (*язгуломӣ, рӯшонӣ, шугнонӣ, ишкошимӣ, вахонӣ, сариқулӣ*) :**ҷӯроби помирӣ**, **рубоби помирӣ**.

**ПОМИРШИНОС** پامیرشناس мутахассиси соҳаи илми помиршиносӣ.

**ПОМИРШИНОСӢ** پامیرشناسی як соҳаи илме, ки оид ба забон, этнография, фарҳанг, табиат *ва г-и* Помир тадқиқот мебарад.

**ПОМОЛ** پامال *ниг.* **поймол**.

**ПОМОЛГАШТА** پامال‌گشته *ниг.* **поймолгашта**.

**ПОМОНАК** پامانک *ниг.* **поймонак**.

**ПОМОНӢ** پامانی *ниг.* **поймонӣ**.

**ПОНЗДАҲ** پانزده ададиi маълум, ки баъд аз чордаҳ меояд.

**ПОНЗДАҲСОЛА** پانزده‌ساله касе ё чизе, ки понздаҳсол умр дорад.

**ПОНЗДАҲСОЛАГӢ** پانزده‌سالگی ба понздаҳ даромадан, понздаҳсола будан.

**ПОНЗДАҲУМ** پانزدهم *шумораи тартибӣ аз адади* **понздаҳ**.

**ПОНСАД** پانصد 1. *ниг.* **панҷсад.** 2. *таър.* яке аз мансабҳои ҳарбӣ дар аморати Бухоро.

**ПООҲУ** پاآهو *меъ.* хонаи шашпаҳлу (мусаддас); ◊ **(ин) бинои пооҳу** *киноя аз* дунё.

**ПОП** *ю.* پاپ рӯҳонии христиан, кашиш.

**ПОПЕЧ** پاپیچ 1. пойпеч; пойтоба. 2. муқайяд, гирифтор.

**ПОПӮШ** پاپوش кафш, мӯза; пойафзор, ки ба пой мепӯшанд: ◊ **бе попӯш** саросемавор.

**ПОПӮШӢ** پاپوشی *ниг.* **попӯш**.

**ПОР** پار *ниг.* **порсол.**

**ПОРА** I پاره 1. дарида, чокшуда. 2. як ҷузъ, қисми чизе, парча, тикка, лахта; бурда, луқма; **пораи нон** луқмаи нон, бурдаи нон; **пораҳои калони ангишт** лахтаи калони ангишт. 3. гурӯҳ, қисм; баъзе; **пора кардан** а) шикастан, кафондан, майда кадан; б) буридан, реза кардан; в) дарондан; **гиребони куртаашро пора кард; пора шудан** а) шикастан, майда-майда шудан; б) даридан, чок шудан; в) канда шудан (ресмон); **пора-пора** майда-майда, реза-реза; лахт-лахт; **пора-пора кардан** майда-майда кардан, тиккаву пора кардан; **пора-пора шудан (гардидан)** а) майда-майда гаштан, шикаста реза шудан; б) лахт-лахт гаштан, дарида тит шудан.

**ПОРА** II پاره пул ё чизи дигар, ки ба касе барои иҷрои кори ғайриқонунӣ дода мешавад; ришва; **пора гирифтан** ришва ситондан аз касе; **пора додан** ришва хӯрондан, ришва додан; **пора хӯрдан** ришва гирифтан.

**ПОРА** III پاره *кит.* паридан, париш, парвоз.

**ПОРАГИР** پاره‌گیر он ки пора мегирад, ришвахӯр, ришваситон.

**ПОРАГИРӢ** پاره‌گیری *ниг.* **пораxӯрӣ**.

**ПОРАДЕҲ** پاره‌ده он ки пора медиҳад, ришвадиҳанда.

**ПОРАДИҲАНДА** پاره‌دهنده *ниг.* **порадеҳ**.

**ПОРАДИҲӢ** پاره‌دهی пора додан, ришвахӯронӣ; ришвадиҳӣ.

**ПОРАДӮЗ** پاره‌دوز он ки чизҳои (пойафзоли) даридаро медӯзад; кӯҳнадӯз.

**ПОРАДӮЗӢ** پاره‌دوزی амали порадӯз; чизҳои пораро дӯхтан; пинадӯз; кӯҳнадӯз.

**ПОРАЗАН** پاره‌زن *ниг.* **порадӯз**.

**ПОРАЙ** پاره‌ای *мансуб ба* **пора**; порча-порча, порашуда.

**ПОРАХОР** پاره‌خوار *ниг.* **пораxӯр**.

**ПОРАХӮР** پاره‌خور он ки ришва мегирад, ришвагир, ришваситон.

**ПОРАХӮРӢ** پاره‌خوری ришвахӯрӣ, ришваситонӣ.

**ПОРАШУДА** پاره‌شده 1. дарида, резашуда. 2. ба ҳиссаҳо тақсимшуда, порча-порчашуда.

**ПОРГИН** پارگین 1. ҷое, ки обҳои чиркин, ганда, пасмонда ҷамъ мешавад, ҳамчун обрези ҳаммом, таҳоратхона; обрези ошхона. 2.

хандақе, ки бо об пур карда мешавад.

**ПОРГӢ** پارگی пина, дарбеҳ, ямоқ, пора; **поргӣ андохтан** дарбеҳ задан.

**ПОРДУМ** پاردم тасмаи паҳни чармин ё аз матои мустаҳкам дӯхташуда, ки аз таги думи чорпоёни боркаш гузаронида аз ду сӯ ба ду канори полон ё зин баста мешавад.

**ПОРИН** پارین *ниг.* **порина**.

**ПОРИНА** پارینه *мансуб ба* соли гузашта, порсола.

**ПОРЛУМОН** *англ.* پارلمان *ниг.* **парламент**.

**ПОРЛУМОНӢ** پارلمانی *ниг.* **парламентӣ**.

**ПОРОВ** پاراو *кит.* пир, пиразан, кампир.

**ПОРС** پارس *ниг.* **форс**.

**ПОРСАНГ** پارسنگ *ниг.* **посанг**.

**ПОРСИГӮЙ** پارسی‌گوی *ниг.* **форсизабон**.

**ПОРСИЁНА** پارسیانه 1. пок, покиза, покдоман. 2. шармгинона, боодобона. 3. ба забони порсӣ (суханкунанда), форсизабон.

**ПОРСИЗАБОН** پارسی‌زبان *ниг.* **форсизабон**.

**ПОРСӢ** پارسی 1. *мансуб ба* **Порс**, форсӣ. 2. забони форсӣ.

**ПОРСО** پارسا диндор, парҳезгор; худотарс, зоҳид.

**ПОРСОЙ** پارسائی 1. покӣ, покизагӣ, покдоманӣ. 2. диндорӣ, парҳезгорӣ, зоҳидӣ.

**ПОРСОЛ** پارسال соли пеш, соли гузашта.

**ПОРСОЛА** پارساله *мансуб ба* соли гузашта, порина.

**ПОРСОЛИНА** پارسالینه *ниг.* **порсола.**

**ПОРТ** پارت давлате, ки тахминан с. 250 то милод дар ҷануб ва ҷанубу шарқи баҳри Хазар асос ёфта то солҳои 20 асри 3 мавҷуд буд, сулолаи Ашкониён асосгузори ин давлат буданд.

**ПОРТӢ** پارتی 1. *мансуб ба* **Порт**. 2. забони мардуми Порт (паҳлавӣ), ки яке аз забонҳои мурдаи забонҳои эронӣ аст, дар замони Ашкониён забони идорӣ ва расмии он маҳсуб мешуд.

**ПОРУ** پارو саргини ҳайвони хонагӣ, ки аксар барои пурқувват кардан ба замин рехта мешавад; нурӣ; **поруи маъданӣ** нурии саноати химиявӣ.

**ПОРУАНДОЗӢ** پارواندازی *исми амал аз* **пору андохтан**: пору рехтан (*ба замин, ба таги растаниҳо*).

**ПОРУЗАНӢ** پاروزنی ба замини кишт пору додан, порудиҳӣ.

**ПОРУКАШ** پاروکش 1. он ки пору мекашонад. 2. тахтаи дастадори каландмонанд, ки бо он пору ва хокрӯбаҳоро ба як тараф мекашанд.

**ПОРУКАШӢ** پاروکشی пору кашондан, поруро ба замин бурда рехтан.

**ПОРУКАШОН** پاروکشان :**мошини порукашон** мошине, ки партовро мекашонад.

**ПОРУКАШОНӢ** پاروکشانی *ниг.* **порукашӣ**.

**ПОРУОБ** پاروآب поруи дар об тар кардашуда; оби пору, ки ба кишт сар медиҳанд, шарбати пору.

**ПОРУПОШӢ** پاروپاشی пору рехтан ба замин , пошидани пору.

**ПОРУТӮДА** پاروتوده тӯдаи пору, партов.

**ПОРУХОНА** پاروخانه ҷое, ки дар он пору ҷамъ шудааст.

**ПОРЧА** پارچه 1. як қисми хурди ягон чиз; пораи чизе; қисм, пора. 2. бурда, тика. 3. ҳар чизи бофташуда аз нах ё пашм. 4. қисм, лавҳа, қитъа (*аз навиштаҷот ё чизҳои шунида*); **порча-порча** қисм-қисм, бурда-бурда; пора-пора, лахт-лахт; **порча-порча буридан** бӯлак-бӯлак кардан (*мас., матоъро*); **порча-порча кардан** бурда-бурда кардан, ба қисм (бӯлак)-ҳо тақсим (ҷудо) кардан.

**ПОРЧАБОФ** پارچه‌باف *кит.* он ки порча ва матоъ мебофад.

**ПОРЧАБОФӢ** پارچه‌بافی 1. амал ва кори порчабоф. 2. коргоҳе, ки дар он порча мебофанд.

**ПОРЧАГУЛ** پارچه‌گل *бот.* гулдор, гулаш калон-калон: **рӯймолҳои ранг ба ранги порчагул**.

**ПОРЧАФУРӮШ** پارچه‌فروش *кит.* он ки ба фурӯши порчаву либосворӣ машғул аст,

баззоз.

**ПОРЧАФУРӮШӢ** پارچه‌فروشی *кит.* амали порчафурӯш, баззозӣ; ҷои порчафурӯшӣ.

**ПОС** پاس 1. як ҳисса аз ҳашт ҳиссаи шабонарӯз, ҳиссае аз шаб; як муддати навбатдории посбони шабона. 2. дидбонӣ, посбонӣ. 3. ҳурмат, эҳтиром, иззату икром; **поси хотир** риояи ҳурмат(-и касе*)*, эҳтироми хотир (-и касе); **пос доштан** ҳурмати касеро ба ҷо овардан; **пурсу пос** аҳволпурсӣ.

**ПОСАНГ** پاسنگ он чи барои баробар ва мувозина кардани ду каффаи тарозу бар як каффаи тарозу мениҳанд, санги тарозу.

**ПОСБОН** پاسبان 1. дидбон, нигаҳбон, қаровул. 2. муҳофиз, нигаҳдоранда.

**ПОСБОНГОҲ** پاسبانگاه ҷои посбонӣ, қароргоҳи посбон.

**ПОСБОНӢ** پاسبانی нигаҳбонӣ, дидбонӣ, муҳофизат; қаровулӣ; **посбонӣ кардан** нигаҳбонӣ кардан, муҳофизат кардан; **ба посбонӣ мондан** қаровул гузоштан, барои дидбонӣ мондан касеро.

**ПОСГОҲ** پاسگاه ҷои посбонӣ, ҷои посбон, пост: **посгоҳи назорати убур**.

**ПОСДОР** پاسدار посбон, муҳофиз.

**ПОСДОРАНДА** پاسدارنده посбон, посбоникунанда, нигаҳдоранда.

**ПОСДОРӢ** پاسداری нигаҳбонӣ, дидбонӣ, муҳофизат.

**ПОСИРА** I پاسیره *таър.* 1. қитъаи замине, ки заминдорон ба ятимон медоданд, то ки барои музди хизмати худ кошта, ҳосилашро гиранд. 2. як миқдор ғалла, ки дар сари хирман ба музди кор ё хизматаш дода мешуд.

**ПОСИРА** II پاسیره *кҳн.* харҷӣ; захира, пасандоз (*пул, ғалла ё чизи дигар*); **посира кардан (намудан)** захира кардан (намудан), пасандоз кардан (намудан).

**ПОСИРАКОР** پاسیره‌کار *таър.* он ки замини заминдорро ба тариқи посира кишт мекунад.

**ПОСКУНА** پاسکنه *гуфт.* чаппа, подарҳаво, баръакс.

**ПОСКУНО** پاسکنا *ниг.* **поскуна**.

**ПОСОР** پاسار *кит.* лагад, лагадкӯб.

**ПОСУХ** پاسخ *кит.* ҷавоб; **посух додан** ҷавоб додан; **посух гирифтан** ҷавоб гирифтан**.**

**ПОСУХГӮ(Й)** پاسخ‌گو(ی) он ки ба пурсишҳо ва талаботе ҷавобгӯй мебошад, ҷавобгӯ, посухдиҳанда.

**ПОСУХГӮӢ** پاسخ‌گوئی посух додан, ҷавоб додан, ҷавобгӯ будан, ҷавобгӯӣ.

**ПОСУХНОМА** پاسخنامه ҷавоби хаттӣ; номаи ҷавобӣ.

**ПОСӮХТА** پاسوخته *ниг.* **пойсӯхта**.

**ПОТАР** *ҳ.* پاتر *кит.* зани хушовоз.

**ПОТЕША** پاتیشه *ниг.* **пойтеша**.

**ПОТИЛА** پاتیله деги мисини даҳанфарох, ки бештар дар ҳалвогарӣ истифода мешавад.

**ПОТУСҚА** پاتوسقه моддаи тарканда, моддаи тарконанда; детонатор.

**ПОФИШОР** پافشار *боф.* тахтачаи помонак дар дастгоҳи бофандагӣ, ки дар натиҷаи паи ҳам зер кардани онҳо гула ба ҳаракат медарояд.

**ПОФИШОРӢ** پافشاری истодагарӣ, исрор, муқовимат.

**ПОХСА** پاخسه 1. лой хуб кӯфта пазондашуда, ки аз он девори похса месозанд. 2. деворе, ки бе сангу хишт аз лойи пазондашуда сохта шудааст. 3. ҳар як қатори ин гуна девор, ки баландиаш як оршин мешавад; **хонаи похса** хонае, ки девораш похсагин аст; **похса задан** аз похса девор кардан.

**ПОХСАГИН** پاخسه‌گین *ниг.* **похсагӣ**.

**ПОХСАГӢ** پاخسگی бо лойи похса сохташуда, гилин.

**ПОХСАДЕВОР** پاخسه‌دیوار девори похсагӣ: **хонаи похсадевор**.

**ПОХСАЗАН** پاخسه‌زن он ки похса мезанад, он ки аз похса девор мебардорад.

**ПОЧА** پاچه 1. аз зону то панҷаи по, қисми аз зону поёнии пои одам ва ҳайвонот; **каллаю поча** каллаю пойҳои чорпоён, ки барои пухтан тайёр шудааст. 2. қисми поёнии шалвор, эзор, эзорпоча; ◊ **поча дароз кардан** мурдан; **поча дароз карда хобидан** бемалол хобидан, кор накардан.

**ПОЧАДАРОЗ** پاچه‌دراز *ниг.* **подароз**.

**ПОЧАК** پاچک 1. *шакли тасғири* **пой,** пойча, поча; **почак задан** пой куфтан, тапидан. 2. саргини гов, ки хушк шудааст, таппии гов.

**ПОЧАНГ** I پاچنگ сӯрохи хона ва кушк, ки ба як чашм аз он ба берун менигаранд; дарича, даричаи хурд.

**ПОЧАНГ** II پاچنگ *ҳ.* сӯрохи тирандозии истеҳком ё танку киштии ҳарбӣ.

**ПОЧАПАЗ** پاچه‌پز *ниг.* **пойчапаз**.

**ПОЧПОЯ** پاچپایه замини гандум ё ҷави дарав кардашуда.

**ПОЧТА** *лот.* پاچته 1. муассисае, ки мактуб, пул ва ашёи сабукро аз як ҷо ба ҷои дигар мерасонад. 2. биное, ки ин муассиса ҷойгир шудааст; **почтаи марказӣ** почтамт. 3. чизҳое ки ба воситаи почта омадааст: **почтаи пагоҳӣ**, **почтаи саҳрой**, **почтаи ҳарбӣ**.

**ПОЧТАХОНА** پاچته‌خانه биное, ки дар он идораи почта ҷойгир шудааст.

**ПОЧ(Ч)О** پاچا *гуфт.* шавҳари хоҳар, апа, хола ё амма; шахси домод (*нисбат ба хешони наздик, ки хурд бошанд*), язна.

**ПОҶОМА** پاجامه эзори занона.

**пош** پاش 1. *асоси замони ҳозира аз* **пошидан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* пошанда: **атрпош**, **обпош**.

**ПОШ** پاش **пош додан** пошидан, ба ҳар тараф пароканда кардан, паҳну парешон кардан; **пош хӯрдан** титу пит шуда рафтан, парешон шудан, пароканда гардидан; **пош-пош** парокандаву парешон; реза-реза.

**ПОШАНГ** پاشنگ 1. хӯшаи ангур, сари ангур. 2. харбуза, тарбуз, каду ва бодиринг, ки барои тухм монда шудааст.

**ПОШДИҲАК** پاش‌دهک афзоре, ки барои пош додани моддаҳои обакӣ ё хока кор фармуда мешавад.

**ПОШИДА** پاشیده *сифати феълии замони гузашта аз* **пошидан**: **аз ҳам пошида** аз ҳам ҷудо, пароканда, парешон.

**ПОШИДАН** پاشیدن 1. афшондан, пош додан, чошидан, пароканда кардан: **барқ пошидан**, **нур пошидан**, **равшанӣ пошидан**, **шӯъла пошидан**. 2. рехтан, чошидан, пош додан; **об пошидан** об рехтан, об задан. 3. *маҷ.* рехтан; нисор кардан; **ба дили** *касе* **оби сард пошидан** касеро фиреб додан; **ба сари** *чизе* **хок пошидан** чизеро барҳам задан, чизеро фурӯ нишондан; **ба чашми** *касе* **хок кашидан** касеро фиреб додан; **ба ҷароҳати** *касе* **намак пошидан** азоби касеро зиёдтар кардан, аламИ касеро боз ҳам афзудан.

**ПОШНА** پاشنه 1. қисми интиҳои қафои пои одам. 2. қисми ақиби поёни кафш, мӯза ва пойафзоли дигар; **пошнаи мӯза**; **пошна задан** а) аспро ё ҳайвони дигари савориро бо пошнаи по зада рондан; б) ба ақиб задани тир (*милтиқ, тапонча вақти парондан*); **пошна кӯфтан** по задан, по кӯфтан; **пошна задани кор** ақиб рафтани кор, шикасти кор.

**ПОШНАБАЛАНД** پاشنه بلند пойафзоли пошнааш баланд.

**ПОШНАБОРИК** پاشنه‌باریک пойафзоли пошнааш борик.

**ПОШНАДОР** پاشنه دار бопошна, пойафзоле, ки пошнаи баланд дорад: **туфлии пошнадор**.

**ПОШНАПАСТ** پاشنه‌پست пойафзоли пошнааш паст.

**ПОШНАПАҲН** پاشنه‌پهن 1. *гуфт., таҳқ.* пойлуч, одами бечора.

**ПОШОН** پاشان *феъли ҳол аз* **пошидан**; пошонда.

**ПОШХӮРАНДА** پاش‌خورنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **пош хӯрдан**; паҳну парешоншаванда.

**ПОШХӮРДА** پاش‌خورده *сифати феълии замони гузашта аз* **пош хӯрдан**; паҳну парешон, парокандашуда.

**ПОШХӮРӢ** پاش‌خوری 1. *исми амал аз* **пош хӯрдан;** чошидан, пароканда шудан. 2. барҳам хӯрдан.

**ПОШШО** پاشا *гуфт. калимаи эҳтиром ва навозиш нисбат ба зани аз худ калон ё соҳибэътибор вақти муроҷиат.*

**ПОШШОБИБӢ** پاشابیبی *гуфт.* зани солхӯрда аз оилаи ашрофон.

**ПОШШОХОН** پاشاخان *гуфт.* зан ё духтари нисбатан калонсол ё соҳибэътибор.

**ПОЯ** پایه 1. ҳар як паллаи нардбон ва зина,

зинапоя, поғунда. 2. мартаба, мақом, қадр, дарача; **ба пояҳои баланд расидан** ба дарачаи баланд бардошта шудан. 3. бунёд, асос, таҳкурсӣ; **поя маҳкам намудан** мустаҳкам шудан, устувор гаштан. 4. сутун, амуд. 5. зер, таг, поёни чизе, домани чизе; **пояи девор**; **пояи кӯҳ**. 6. пои чизҳои ғайриҷондор; **пояи миз, пояи кат**. 7. чои ягон кишт: **гандумпоя, шолипоя**. 8. қисми аз хок беруни растанӣ, тана– соқаи гиёҳ (*гайри дарахт*).

**ПОЯАФРОЗ** پایه‌افزار *кит.* баландкунандаи мартаба, болобарандаи дарача.

**ПОЯВАР** پایه‌ور баландмартаба, баландмақом.

**ПОЯГУЗОР** پایه‌گذار асосгузор; бунёдгузор: **поягузори адабиёт**.

**ПОЯГУЗОРӢ** پایه‌گذاری 1. асосгузорӣ, бунёдгузорӣ. 2. оғоз намудан, ифтитоҳ намудан.

**ПОЯК** پایک 1. *шакли тасгири* **пой; поча; пояк задан** по кӯфтан, тапидан. 2. пиёда. 3. посбон, нигаҳбон.

**ПОЯКЗАНӢ** پایکزنی пояк задан, поча задан.

**ПОЯКӢ** پایکی *таър.* он ки ба чилимкашҳо чилим кашонда ба ивази ин хизматаш пул мегирифт.

**ПОЯНДА** پاینده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **поидан.** 2. бардавом, човид, абадӣ. 3. пойдор, устувор; боқӣ; **поянда шудан** човид гаштан.

**ПОЯНДАГӢ** پایندگی поянда будан, бардавомӣ, ҳамешагӣ; бақо, абадият.

**ПОЯХАРОБ** پایه‌خراب бебунёд, асосаш хароб.

**ПРАГМАТИЗМ** *ю.* پرگمتیزم 1. яке аз равияҳои фалсафӣ, ки идроки қонунҳои объективии воқеиятро инкор мекунад ва фақат чизи фоиданокро ҳақиқат мешуморад. 2. баёни тасвири воқеаҳои таърихӣ аз чиҳати вобастагии зоҳирӣ ва мутақобилии онҳо: **прагматизми миллатгароӣ**.

**ПРЕЗИДЕНТ** *лот.* پریزیدینت 1. сардори интихобии як қатор мамлакатҳо раиси чумҳур, раисчумҳур: **Президенти кишвар**. 2. сардори интихобии баъзе идора ва созмонҳо: **Президенти Академияи илмҳо**, **Президенти Кумитаи байналхалқии таҳқиқи фазои кайҳон**.

**ПРЕЗИДЕНТӢ** پریزیدینتی *мансуб ба* **президент;** аз тарафи президент: **квотаи президентӣ**.

**ПРЕЗИДИУМ** پریزیدیوم *кӯҳ., ниг.* **раёсат**.

**ПРИНТЕР** *лот.* پرینتر *тех.* дастгоҳи компютерӣ, ки ба он васл шуда, навиштачоти дар компютер таҳияшударо чоп мекунад; чопкунак, чопгар.

**ПРЕФИКС** *лот.* پریفیکس *збш., ниг.* **пешванд**.

**ПРИЗМА** *ю.* پریزمه 1. *ҳанд.* серқирра, серпаҳлӯ; маншур. 2. ҳар чизи шаффоф, ки шакли призмаро дошта бошад.

**ПРИНСИП** *лот.* پرینسیپ 1. асос, қонун, усул, бунёд, шарт. 2. эътиқод, ақида, нуқтаи назар.

**ПРИНСИПНОК** پرینسیپناک бо принсип; аз рӯи принсип.

**ПРОБЛЕМА** پرابلیمه масъалаи муҳим ва мураккаб, ки бояд ҳал карда шавад.

**ПРОКУРАТУРА** *фр.* پراکورتوره мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки риояи қонунҳоро назорат мекунад ва вайронкунандагони ин қонунҳоро ба масъулияти судӣ мекашанд, додситонӣ: **прокуратураи генералӣ**, **прокуратураи шаҳр**.

**ПРОКУРОР** *фр.* پراکورار шахси аз тарафи давлат таъиншуда, ки риояи қонунҳоро назорат мекунад, додситон.

**ПРОКУРОРӢ** پراکوراری *мансуб ба* **прокурор**; **назорати прокурорӣ** назорати додситонӣ.

**ПРОРЕКТОР** *лот.* پرارکوتار муовини ректор дар мактабҳои олӣ; ноиби ректор.

**ПРОТЕЗ** *фр.* پراتیز узви сунъӣ ва ориятии бадан, ки ба чои узви табиӣ гузошта шудааст (*мас., по, даст, дандон.*).

**ПРОТЕСТАНТИЗМ** *лот.* پراتیستنتیزم номи умумии таълимоти динии яке аз мазҳабҳои христианӣ аст.

**ПРОТЕСТАНТӢ** پراتیستنتی *мансуб ба* **протенстантизм**.

**ПРОТОКОЛ** *ю.* پراتاکال *ниг.* **суратмачлис**.

**ПРОТСЕССОР** پراتسیسار *ниг.* **пардозанда**.

**ПРОФЕССОР** *лот.* پرافیسار 1. унвони баланди илмӣ, ки ба муаллимони мактабҳои олӣ ва кормандони муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ барои соҳиб шуданашон ба ихтисоси ба-

ланди соҳаи кори худ дода мешавад. 2. шахсе, ки ин унвонро дорад.

**ПРОФЕССОРӢ** پرافیساری *мансуб ба* **профессор**: **унвони профессорӣ**.

**ПСИХОЛОГИЯ** *ю.* پسیخالاکیه *ниг.* **равоншиносӣ**.

**ПУБЛИСИСТИКА** *лот.* پوبلیسیستیکه *адш.* адабиёт оид ба масъалаҳои муҳими ҷамъиятию сиёсии ҳозира (*мақола, очерк*).

**ПУБЛИСИСТӢ** پوبلیسیستی *мансуб ба* **публисистика**: **мақолаи публисистӣ**.

**ПУҒАНАК** پوغنک *бот.* гиёҳи бисёрсолаи сермӯяки баргаш думчадор ва гулаш сафед.

**ПУД I** پود *кҳн.* наххое, ки дар бофтани матоъ ба паҳноии он ба кор бурда мешавад; *муқоб.* **тор**; ◊ **аз тору пуди** *чизе* **задан** аз ин тарафи чизе дуздидан.

**ПУД II** *р.* پود ченаки вазн, ки ба 16 кг баробар буд.

**ПУД III** پود *кит.* пешдаргирон, парахаҳои хушке, ки барои даргиронидани оташ ба кор мебаранд.

**ПУДА** پده *кит., ниг.* **пада** 3.

**ПУДИНА** پدینه *бот.* як навъ гиёҳи хушбӯй, ҳулбӯ.

**ПУДИНАГӢ** پودینگی *мансуб ба* **пудина**; аз пудина пухташуда: **санбӯсаи пудинагӣ.**

**ПУК** پوک 1. дарунхолӣ, пуч, пӯкка. 2. боде, ки барои даргирондани оташ аз даҳан медаманд, пуф.

**ПУККА** پوکه тарафи дамидаи пушти буҷул, ки дар буҷулбозӣ бохт ҳисоб меёбад; *муқоб.* **чикка**.

**ПУЛ I** *ю.* پول 1. филизи сикказадашуда ё коғазҳои ба рӯяшон арзиши муайян нақшёфтаи давлатӣ, ки вақти хариду фурӯш меъёри арзиш мебошад. 2. арзиш, нарх. 3. сармоя; **пули бедардмиён** пули муфт, пуле, ки бе меҳнат ба даст омадааст; **пули нақд(а)** пули мавҷуда; **пули пучак** *ниг.* **пули сиёҳ**; **пули сиёҳ** тангаи мисини аморати Бухоро, ки 64 донааш 50 тини сиккаи русӣ буд; **пули ҳалол** пули меҳнатӣ; **чизи ба пул мерафтагӣ** чизи арзишнок, он чи ба фурӯш рафтанаш мумкин аст; **пул ёфтан** пул ба даст даровардан, даромад кардан, меҳнат карда музд гирифтан; **пули** *касе* **сӯхтан** беҳуда сарф шудани пули касе; беҳуда рафтани пули касе, қарз дода пас гирифта натавонистан, моли қалб харидан *ва г.*; **пул кардан** фурӯхтан чизеро; **пул шудан** ба фурӯш рафтани моле; **ба як пул(-и сиёҳ, пучак) наарзидан** аҳамият надоштан, тамоман беқадр будан; **ба як пул(-и сиёҳ, пучак) нагирифтан** ҳеҷ писанд накардан, асло ба эътибор нагирифтан; **ду (як) пул** будан беқадру қимат будан, арзише надоштан; ◊ **пул додаму дарди сар харидам** (*зарб.*).

**ПУЛ II** پل гузаргоҳи болои наҳр, рӯд, ҷӯй *ва г.,* кӯпрук: **пули оҳанин**; **пули сирот** *д.* пули ниҳоят борике, ки аз болои дӯзах ба сӯи ҷаннат кашида шудааст; **пул бастан (кашидан)** кӯпрук сохтан, болои дарё.

**ПУЛАКӢ** پولکی *гуфт.* бо пул; ба ивази пул; пул гирифта: **тамошои пулакӣ**, **хизматҳои пулакӣ**.

**ПУЛАКЧА** پولکچه 1. тангачаҳои тунуки бадани моҳӣ. 2. тангачаҳои рӯи баъзе аз асбобҳои ороишӣ ва зинатӣ.

**ПУЛАКЧАБОЛ** پولکچه‌بال *зоол.* як навъи ҳашарот.

**ПУЛАКЧАДОР** پولکچه‌دار пулакчанок (*моҳӣ ё асбоби зинат*), дорои пулакча.

**ПУЛҒУНДОРӢ** پولغنداری пул ҷамъ кардан, сарват ҷамъ кардан, ғундоштани пулу мол.

**ПУЛДОН** پول دان зарфе, ки дар он пул ҷамъ мекунанд.

**ПУЛДОР** پولدار он ки пул дорад; серпул, доро, бой; **пулдор шудан** серпул шудан, бой шудан.

**ПУЛДОРӢ** پولداری серпулӣ, пуд доштан, дороӣ.

**ПУЛДӮСТ** پولدوست *ниг.* **пулпараст**.

**ПУЛЕМЁТ** *р.* پولیمیات аслиҳаи автоматии тезпарони ҷангӣ, мусалсал: **пулемёти дастӣ**.

**ПУЛЕМЁТЧӢ** پولیمیاتچی он ки аз пулемёт мепаронад.

**ПУЛЁБ** پولیاب он ки кор карда пул ёфта метавонад, он ки роҳи пул ҷамъ карданро медонад.

**ПУЛЁБӢ** پولیابی пул ёфтан, пул кор кардан: **роҳи осони пулёбӣ**.

**ПУЛӢ** پولی *мансуб ба* **пул**; коре ё чизе, ки ба пул вобаста аст: **даромади пулӣ**, **ёрмандии пулӣ**, **муомилоти пулӣ**.

**ПУЛМАСТ** پولمست он ки пули бисёр дорад, серпул; бой.

**ПУЛНОК** پولناک 1. *ниг.* **пулдор**. 2. *ниг.* **пулакӣ**: **тамошои пулакӣ**.

**ПУЛНОСЕР** پولهٔناسیر ҳариси пул, пулпараст, ба пул чашмгурусна.

**ПУЛПАРАСТ** پولپرست ҳариси пул, пулдӯст, он ки ҷамъ кардани пулро дӯст медорад.

**ПУЛПАРАСТӢ** پولپرستی пулпараст будан, ҳарисӣ ба пул, пулдӯст.

**ПУЛСОЗ** پلساز кӯпруксоз.

**ПУЛСОЗӢ** پلسازی пул (кӯпрук) сохтан.

**ПУЛСУПОРАНДА** پولسپارنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **пул супурдан**. 2. *мол.* пулгузор (*мас., ба хазинаи амонатӣ*).

**ПУЛТ** *олм.* پولت афзоре, ки бо он чизеро ба тарзи автоматикӣ идора мекунанд.

**ПУЛТАЛАБ** پولطلب пулхоҳ; коре, ки пул харҷ карданро талаб мекунад.

**ПУЛҶАМЪКУНӢ** پولجمعکنی *ниг.* **пулғундорӣ**.

**ПУЛҶУДОКУНӢ** پولجداکنی пул ҷудо кардан барои иҷрои корҳои муҳим (*мас.*, *сохтмон*).

**ПУНБА** پنبه *ниг.* **пахта**.

**ПУНБА(К)** پنبه//پنبک доначае, ки баҳорон дар шохаи дарахтон пайдо мешавад ва аз он барг сар мезанад, муғча.

**ПУНБАДАРГӮШ** پنبه‌درگوش 1. он ки пахта дар гӯш мегузорад. 2. *маҷ.* ғофил, бехабар, кар.

**ПУНБАДОНА** پنبه‌دانه тухми пахта, чигит, донаи пунба, пунбадона.

**ПУНБАЗОР** پنبه‌زار *кит.* киштзори пахта, пахтазор.

**ПУНБАСИФАТ** پنبه‌صفت пунбамонанд, сафед.

**ПУНБАЧӮБ** پنبه‌چوب чӯби буттаи пунба, ғӯзапоя.

**ПУНДОНА** پندانه *ниг.* **пунбадона**.

**ПУНШ** *англ.* پونش нӯшобаи спиртдор, ки аз ром бо қанд, лимон ё шираи меваҳои дигар ҷӯшонида тайёр карда мешавад.

**ПУР I** پر 1. лаболаб анбошта, *муқоб.* **холӣ, тиҳӣ**; **пур аз**..., **пури...** лабрез: **ҳавзчаи пур аз об**; **пур-пур** ниҳоят пур, саршор, лабрез. 2. тамом, комил; **моҳи пур** моҳи шаби чордаҳ. 3. бисёр, афзун, зиёд; *муқоб.* **кам**. 4. *маҷ.* сер; **серу пур** бе камбудӣ, бо фаровонӣ; **шикам пур кардан** шикам сер кардан; **шикам пур шудан** сер шудан; **пур кардан** а) зарферо аз чизе лаболаб кардан, анбоштан; б) иҷро кардан (*нақшаро*); в) навиштан (*саволномаро*); г) фаро гирифтан, ишғол кардан; д) ҷои чизеро бо чизи дигар гирифтан, талофӣ кардан, иваз намудан; **пур шудан (гаштан, гардидан)** а) лаболаб шудан, ишғол карда шудан, фаро гирифта шудан (*зарф бо об, хона бо дуд*); б) ба анҷом расидан: **як сол (моҳ, ҳафта) пур шуд**; **паймонаи (рӯзи)** *касе* **пур шуд** умраш ба охир расид. 5. *ҷузъи аввали калимаҳои мураккаб ба маънои* бисёр, бисёрӣ, зиёдӣ: **пургӯй** сергап; **пурдон** бисёрдон, ботаҷриба; **пуркор** бисёркор; **пуралам** алами бисёр; **дили** *касеро* **пур кардан** касеро ба чизе бовар кунонидан, итминон додан; **дил пур будан** бstriчорӣ доштан, эътимод доштан (ба касе, аз чизе); **дилпур шудан** боварӣ ҳосил кардан; **бо даҳони пур**, **даҳон пур карда** бо итминони тамом, бо ифтихор (гуфтан чизеро).

**ПУР II** پور *кит.* **писар**.

**ПУРАВҶ** پراوج дар айни авҷ, дар болоравӣ; ба дараҷаи баланд расида, бо пешрафту комёбӣ.

**ПУРАДО** پرادا 1. пурноз, пуристиғно, ишвагар: **чашмони пурадо**. 2. баҳонагир.

**ПУРАЗАМАТ** پرعظمت хеле бузург, боҳашаат; **кохи пуразамат** кохи боҳашамат.

**ПУРАЗМ** پرعزم азмаш қавӣ, қавиирода, тасмими қатъӣ гирифта.

**ПУРАЗОБ** پرعذاب пуразият, боранҷ, бомашаққат, бо азоби зиёд.

**ПУРАЛАМ** پرالم пур аз ранҷу ҳасрат, пурандӯҳ, андӯҳнок, дарднок; **гиряи пуралам** гиряи дарднок.

**ПУРАНВОР** پرانوار пурнур, дурахшон.

**ПУРАНДЕШ** پراندیش *ниг.* **пурандеша.**

**ПУРАНДЕША** پراندیشه 1. хаёломез: **чашмони пурандеша**. 2. пурташвиш, пуризтироб. 3.

оқибатандеш, бомулоҳиза; хирадманд.

**ПУРАНДЕШАГӢ** پراندیشگی 1. андӯҳгинӣ, ғамгинӣ. 2. хаёломез будан. 3. бомулоҳизагӣ.

**ПУРАНДЕШӢ** پراندیشی пурандеш будан, хирадмандӣ, бомулоҳиза будан.

**ПУРАНДӮҲ** پراندوه андӯҳгин, ғамгин, пуралам.

**ПУРАРЗИШ** پرارزش арзишнок, қиматбаҳо, пурқимат, гаронбаҳо.

**ПУРАСРОР** پراسرار пур аз муаммо, сирдор: **нигоҳи пурасрор**.

**ПУРАФҒОН** پرافغان гирён, нолон.

**ПУРАФСУН** پرافسون пурҳила, фиребанда; мафтункунанда: **олами пурафсуни кӯдакӣ**.

**ПУРАФСОНА** پرافسانه фиребанда, беҳуда, беасос; пурасрор: ◊**кохи пурафсона** дунё.

**ПУРАШК** پراشک пурсиришк, гирён: **чашми пурашк**.

**ПУРБАР** پربر пур аз ҳосил, серҳосил, пурмева, сермева.

**ПУРБАРАКАТ** پربرکت 1. баракатнок, зиёд, афзун. 2. пурҳосил, пурнеъмат: **замини пурнеъмат**.

**ПУРБАРГ** پر برگ барги зиёд дошта, сербарг: **дарахти пурбарг**.

**ПУРБАРДОШТ** پربرداشت 1. бардоштнок, дерпой. 2. пурсабр, пуртоқат, вазнин.

**ПУРБАҲО** پربها гаронбаҳо, арзишнок; пурарзиш, дорои қимати баланд, ганҷи пурбаҳо.

**ПУРБАҲРА** پربهره фоидаовар, судманд.

**ПУРБИМ** پربیم 1. тарснок, ваҳшатангез: **роҳи пурбим, харобаи пурбим**. 2. тарсанда, ба воҳима афтода: **дили пурбим**.

**ПУРБИН** پربین 1. заррабин. 2. *маҷ.* амиқбин: **чашми пурбин**.

**ПУРБОД** پرباد 1. пур аз бод, шамол. 2. аз бод пур, аз бод пур карда, аз ҳаво пур кардашуда; **гупсари пурбод**; ◊ **машки пурбод** одами беҳудагӯ, лофзан.

**ПУРБОДА** پرباده пур аз шароб, лабрез аз май: **қадаҳи пурбода**.

**ПУРБОР** پربار 1. пур аз бор, чизе, ки бар вай бори бисёр ниҳода шудааст, боркарда: **аробаи пурбор**, **мошини пурбор.** 2. пур аз ҳосил, серҳосил, пурмева: **дарахти пурбор**, **хӯшаи пурбор**, **шохаи пурбор.**

**ПУРБОРӢ** پرباری 1. пурбор будан. 2. серҳосилӣ, сермевагӣ, зиёда ва вазнинии ҳосил (*меваҳо*).

**ПУРВАЗН** پروزن беҳад вазнин, дорои вазни зиёд.

**ПУРВАЛВАЛА** پرولوله серғавғо, пурғавғо, пуршӯр.

**ПУРВАСАХ** پروسخ пур аз чирк, чиркин, ифлос.

**ПУРВАҲШАТ** پروحشت пурбим, тарснок, пурҳарос, воҳимаангез: **дашти пурваҳшат**.

**ПУРВАҶД** پروجد ба ваҷд омада, бо шавқу завқи баланд.

**ПУРВИҚОР** پروقار бовиқор, ботамкин, босалобат, назарбаланд.

**ПУРВОҲИМА** پرواهمه воҳиманок, пурваҳшат: **садои пурвоҳима**.

**ПУРВУСЪАТ** پروسعت бовусъат, васеъ; муфассал.

**ПУРГАВҲАР** پرگوهر 1. пур аз ҷавоҳирот, бо зару зевар. 2. *маҷ.* асилзода, наҷиб.

**ПУРГАП** پرگپ он ки зиёд сухан мегӯяд, сергап.

**ПУРГАПӢ** پرگپی 1. пургап будан, сергапӣ. 2. гапҳои беҳуда гуфтан.

**ПУРГАРД** پرگرد пур аз гард, гардолуд, гарднок.

**ПУРГИЛ** پرگل пур аз гил, пур аз хок, пурлой.

**ПУРГИРЕҲ** پرگره пур аз гиреҳ, пурчин, пуршиканҷ, банддор, ҳалқа-ҳалқа.

**ПУРГУЛ** پرگل 1. пур аз гул, сергул. 2. шукуфон: **шохаҳои пургул**.

**ПУРГӮ(Й)** پرگو(ی) 1. он ки бисёр гап мезанад. 2. лаққӣ, сергап: **одами пургап**.

**ПУРГӮӢ** پرگوئی сергапӣ, бисёргапӣ; лаққигӣ; **пургӯӣ кардан** бисёр гап задан, беҳуда гап задан.

**ПУРГӮШТ** پرگوشت фарбеҳ, сергӯшт.

ПУР**ПУРҒАВҒО** پرغوغا серғавғо, пуршӯр, пурошӯб, пуризтироб.

**ПУРҒАЗАБ** پرغضب хашмгин, ғазаболуд, қаҳрнок, пурхашм.

**ПУРҒАЙРАТ** پرغیرت серҳаракат, кӯшишнок.

**ПУРҒАЛАЁН** پرغلیان пурҷӯш, пурошӯб, пурхурӯш: **дарёи (оби) пурғалаён**, **фикри пурғалаён**.

**ПУРҒАЛАТ** پرغلط пур аз ғалат, ғалаташ бисёр.

**ПУРҒАЛОҒУЛА** پرغلاغله пурғулғула, пурғавғо.

**ПУРҒАМ** پرغم пур аз ғам, ғамнок, андӯҳгин, дорои андӯҳи зиёд, пурғусса.

**ПУРҒАМЗА** پرغمزه нозгар, пурноз, ғамзагар, фаттон.

**ПУРҒАШ** پرغش пурташвиш, ғазаболуд.

**ПУРҒИЗО** پرغذا серғизо: **хӯроки пурғизо**.

**ПУРҒУБОР** پرغبار 1. ғуборолуд. 2. торик.

**ПУРҒУЛҒУЛ** پرغلغل *ниг.* **пурғулғула**.

**ПУРҒУЛҒУЛА** پرغلغله пурғавғо, пурғалоғула; пурталотум: **мавҷҳои пурғулғула**, **мусиқии пурғулғула**.

**ПУРҒУРУР** پرغرور сертакаббур, ҳавобаланд, бовиқор, сарбаланд.

**ПУРҒУССА** پرغصه пурғам, ғамнок, пурандӯҳ.

**ПУРДАБДАБА** پردبدبه дабданок, бошукӯҳ.

**ПУРДАРБЕҲ** پردربه серямоқ, ямоқин, серпоргӣ.

**ПУРДАРД** پردرد 1. бисёр дардкунанда; дардманд: **сари пурдард.** 2. аламангез, ғамангез, ҳасратовар: **оҳи пурдард**, **саргузашти пурдард**.

**ПУРДАРОМАД** پردرامد сердаромад; дорои фоидаи зиёд.

**ПУРДАҲШАТ** پردهشت 1. даҳшатнок, пурвоҳима. 2. пурхатар, пурхавф.

**ПУРДИДА** پردیده бисёрдида, пуртаҷриба, коромӯхта, коромузда: **духтури пурдида**.

**ПУРДИҚҚАТ** پردقت бодиққат, амиқназар.

**ПУРДИҚҚАТӢ** پردقتی бодиққат будан, амиқназарӣ.

**ПУРДИЛ** پردل нотарс, далер, диловар, ҷасур: **мардуми пурдил**.

**ПУРДИЛӢ** پردلی далерӣ, диловарӣ, шуҷоатмандӣ.

**ПУРДОҒ** پرداغ 1. пур аз доғ, лаккадор; доғдор; олуда, чиркин. 2. дардманд, пур аз дарду алам; озурда, ранҷида: **қиссаи пурдоғу дард**.

**ПУРДОМАНА** پردامنه доманадор, густурда, тӯлонӣ.

**ПУРДОН** پردان бисёр доно; пуртаҷриба, корозмӯда.

**ПУРДОШТ** پرداشت пуртоқат, сердошт (*доир ба* либос ва пойафзол).

**ПУРДУД** پردود пур аз дуд, сердуд, дудғала.

**ПУРЗ** پرز 1. *кит.* хате ё ки риштае ба рӯи матои пашмин ва абрешимин пайдо мешавад. 2. рахнае, ки болои баъзе меваҳо пайдо мешавад.

**ПУРЗАБОН** پرزبان пургӯй, сергап, бисёргӯй..

**ПУРЗАБОНӢ** پزبانی пургӯӣ, сергапӣ, бисёргӯӣ.

**ПУРЗАВҚ** پرذوق пуршавқ, шавқманди зиёд.

**ПУРЗАР** پرزر пур аз зар, пур аз тилло, сарватманд, доро, бой.

**ПУРЗАРАР** پرضرر бисёр зарарнок, пур аз зарар.

**ПУРЗАХМ** پرزخم пур аз захм, бисёр захмнок, пурҷароҳат: **тани пурзахм**.

**ПУРЗАҲМАТ** پرزحمت 1. пурмашаққат, пуразоб. 2. меҳнатталаб, душвор: **кори пурзаҳмат**.

**ПУРЗАҲР** پرزهر 1. заҳрдор, заҳрнок. 2. нешдор, сахт таъсиркунанада: **сухани пурзаҳр**.

**ПУРЗИЁ** پرضیا пурнур, дурахшон.

**ПУРЗИЁН** پرزیان беҳад зиёновар, зарари зиёд дошта, пурзарар.

**ПУРЗИН** پرزین *кит.* патнок; дағал, ноҳамвор, дурушт

**ПУРЗИНАТ** پرزینت зебо, хушнамуд, ороста, пуророиш.

**ПУРЗОҲИР** پرظاهر *кит.* хеле равшан, возеҳ, маълум; ошкор, ҳувайдо.

**ПУРЗӮР** پرزور хеле боқувват, қавӣ, нерӯманд; **пӯрзур шудан** қувват гирифтан; шиддат кардан.

**ПУРЗӮРӢ** پرزوری хеле зӯр будан, боқувват, тавоноӣ.

**ПУРИЗТИРОБ** پراضطراب пур аз изтироб, изтиробомез.

**ПУРИҚТИДОР** پراقتدار пурқувват, қавӣ, тавоно, пурқудрат.

**ПУРИҚТИДОРӢ** پراقتداری пурқувватӣ, тавоноӣ, пурқудратӣ.

**ПУРИЛТИФОТ** پرالتفات бо таваҷҷӯҳи зиёд, бо эҳтироми беандоза, лутфи аз ҳад зиёд.

**ПУРИЛҲОМ** پرالهام пур аз илҳом, бисёр илҳомбахш: **мусиқии илҳомбахш**.

**ПУРИСТЕЪДОД** پراستعداد истеъдоднок, соҳибистеъдод.

**ПУРИСТИҒНО** پراستغنا пур аз нозу карашма, пурноз.

**ПУРИФТИХОР** پرافتخار бисёр ифтихорманд, ифтихорнок, пуршараф: **вазифаи пурифтихор**, **кори пурифтихор**.

**ПУРИХТИЛОЛ** پراختلال серташвиш, изтиробнок.

**ПУРИХТИЛОФ** پراختلاف ихтилофнок, зиддиятнок: **фикри пурихтилоф**, **ҷараёнҳои пурихтилоф**.

**ПУРИШТИЁҚ** پراشتیاق чизеро беҳад хоҳиш кардан, иштиёқманд.

**ПУРИШТИҲО** پراشتها иштиҳояш калон, пурхӯр.

**ПУРӢ** پری пур будан, лабрезӣ, саршорӣ бисёр будани чизе ё чизҳо дар ҷое, фаровонӣ, бисёрӣ; **(бо) сериву пурӣ** (бо) фаровонӣ, бекаму кост, ба қадри кифоя; **саропо пурӣ будан (шудан)** фаровонӣ будан (шудан), арзониву осудагӣ будан (шудан).

**ПУРКАРРУФАР** پرکروفر пурҳашамат, пурдабдаба, пур аз шаъну шавкат.

**ПУРКАФК** پرکفک кафкаш бисёр.

**ПУРКИБР** پرکبر пурғурур, пуртакаббур, беҳад худписанд.

**ПУРКИН(А)** پرکین//پرکینه пур аз кина ва адоват: **дили пуркина**, **нигоҳи пуркина**.

**ПУРКОР** پرکار серкор, он ки ҳамеша машғули кор аст; фаъол; *муқоб.* **камкор**.

**ПУРКОРӢ** پرکاری серкорӣ; таҷрибанокӣ, пухтакорӣ: **пуркории ҳайратангез**.

**ПУРКУЛФАТ** پرکلفت пурандӯҳ, пурранҷ, пурмашаққат.

**ПУРКУНАНДА** پرکننده 1. *сифати феълии замони ҳозира* аз **пур кардан**. 2. *збш.* яке аз аъзоҳои пайрави ҷумла: **пуркунандаи бевосита**, **пуркунандаи бавосита**, **ҷумлаи пайрави пуркунанда**.

**ПУРҚАҲР** پرقهر пурхашм, дар ҳолати ғазаб, ғазабона.

**ПУРҚИМАТ** پرقیمت 1. қиматбаҳо, пурарзиш, нархаш баланд. 2. нодир, камёб; азиз, мӯътабар: **асари пурқимат**, **китоби пурқимат**.

**ПУРҚУВВАТ** پرقوت 1. пурзӯр, нерӯманд, боқувват. 2. пуриқтидор, қудратнок, муқтадир; **пурқувват гардидан (шудан)** пурзӯр гаштан, қувват гирифтан; **пурқувват кардан** пурзӯр намудан, қувват додан.

**ПУРҚУДРАТ** پرقدرت *ниг.* **пуриқтидор**.

**ПУРЛАЗЗАТ** پرلذت болаззат, бомаза; хуштамъ.

**ПУРЛАТОФАТ** پرلطافت бисёр латиф, ботароват.

**ПУРЛАЪЛ** پرلعل 1. пур аз лаъл. 2. *маҷ.* пурмай, пур аз шароб.

**ПУРЛОЙ** پرلای пур аз лой; лойолуд: **кӯчаи пурлой.**

**ПУРЛОФ** پرلاف лофзан; беҳудагӯй, худсито.

**ПУРМАВҶ** پرموج 1. пур аз мавҷ. 2. чапакзаниҳои бардавом: **дарёи пурмавҷ**, **чапакзаниҳои пурмавҷ**.

**ПУРМАҒАЛ** پرمغل пурғалоғула, пурғавғо.

**ПУРМАҒЗ** پرمغز 1. мағздор (*оид ба* мева). 2. *маҷ.* пурмазмун, асоснок, пурра.

**ПУРМАЗМУН** پرمضمون 1. пурмаъно, он чи мазмуни бой дорад, сермазмун: **асари пурмазмун**, **гузориши пурмазмун**, **шеъри пурмазмун**. 2. маънидор; таъсирбахш: **нигоҳи пурмазмун**.

**ПУРМАКР** پرمکر хеле ҳилагар, маккор.

**ПУРМАЛОЛ** پرملال пуразоб, пурозор, аламнок.

**ПУРМАЛОМАТ** پرملامت пур аз маломату сарзаниш, таънаи сахт, коҳиши зиёд.

**ПУРМАНИШ** پرمنش *кит.* 1. арҷманд, бузург, олиқадр. 2. хирадманд, доно, донишманд. 3. мағрур, мутакаббир, боғурур. 4. саркаш, гарданшах, нофармон.

**ПУРМАНФИАТ** پرمنفعت манфиатрасон, фоиданок, судманд: **кори пурманфиат**.

**ПУРМАРОРАТ** پرمرارت *кит.* пурранҷу сахтӣ, талхии бисёр (ғам, зиндагӣ); **зиндагии пурмарорат** зиндагии талху сахт.

**ПУРМАСАРРАТ** پرمسرت *кит.* пур аз шодию сурур, хурсандиовар.

**ПУРМАСОМ** پرمسام пурсӯрох, сӯроххои зиёд дошта.

**ПУРМАСЪУЛИЯТ** پرمسؤلیت бо масъулияти зиёд, масъулиятнок (*мас., вазифа, кор, супориш*): **кори пурмасъулият**.

**ПУРМАТОНАТ** پرمتانت устувории сахт, матонати зиёд.

**ПУРМАҲОРАТ** پرمهارت бисёр моҳир, маҳоратнок; соҳибистеъдод.

**ПУРМАҲСУЛ** پرمحصول маҳсулнок, сермаҳсул: **меҳнати пурмаҳсул.**

**ПУРМАШАҚҚАТ** پرمشقت сахтӣ ва ранҷи зиёд, серазоб, хеле сахт, пурранҷ.

**ПУРМАШҒАЛА** پرمشغله саргарми зиёд будан, гирифтории зиёд: **кори пурмашғала**.

**ПУРМАЪНӢ** پرمعنی пурмазмун, дорои мазмуни амиқ, амиқмазмун: **сухани пурмаънӣ**, **фикри пурмаънӣ**.

**ПУРМАЪНО** پرمعنا дорои маъноҳои зиёд, сермаъно.

**ПУРМАЪНОӢ** پرمعنائی дорои мазмуни баланд, мафҳуми бисёр баланд доштан, маънои зиёд доштан.

**ПУРМАЪРИФАТ** پرمعرفت соҳиби маърифати баланд, маърифатнок, маърифати зиёд доштан, бофазлу дониш.

**ПУРМЕВА** پرمیوه сермева, серҳосил, пурбор.

**ПУРМЕҲР** پرمهر бо меҳру муҳаббати зиёд, пурмуҳаббат, меҳрубон: **дили пурмеҳр**.

**ПУРМОҶАРО** پرماجرا 1. пурҷанҷол, пурғавғо, серташвиш, серҷанҷол, пурхархаша: **зиндагии пурмоҷаро**, **соли пурмоҷаро**. 2. пур аз воқеаву ҳодисаҳои гуногун.

**ПУРМОЯ** پرمایه 1. асил, наҷиб. 2. арзишнок, гаронбаҳо. 3. соҳиби илм ва маърифат.

**ПУРМУАММО** پرمعما пурасрор, пур аз муаммо, беҳад муғлақ.

**ПУРМУБОЛИҒА** پرمبالغه муболиғанок, сериғроқ.

**ПУРМУДДАО** پرمدعا пурмақсад, он ки дар дил орзу ва амалҳои бисёре дорад.

**ПУРМУСИБАТ** پرمصیبت пурбало, пур аз азоб, пурғаму дард, пурандӯҳ.

**ПУРМУҲАББАТ** پرمحبت *ниг.* **пурмеҳр**.

**ПУРМӮҲТАВО** پرمحتوا пурмазмун, фарогири мазмуни зиёд; дарбаргирандаи мӯҳтавои бисёр.

**ПУРНАВИД** پرنوید муждаи бисёр, хабари зиёд, пурхабар.

**ПУРНАЗОКАТ** پرنزاکت пур аз латофат, нозукии беҳад, зебоии бепоён, пурнафосат.

**ПУРНАИМ** پرنعیم *кит.* пур аз нозу неъмат, пурнеъмат.

**ПУРНАЙРАНГ** پرنیرنگ пурҳила, маккор: **хасми пурнайранг**.

**ПУРНАКҲАТ** پرنکهت пур аз бӯи хуш; **боди пурнакҳат** боди муаттари форам.

**ПУРНАҚШ** پرنقش *ниг.* **пурнақшунигор**.

**ПУРНАҚШУНИГОР** پرنقش نگار дорои нақшу нигори зиёд, нақшдор, нақшнок, мунаққаш: **хонаи пурнақшу нигор.**

**ПУРНАМ** پرنم 1. сернам, намнок: **замини пурнам**. 2. пурашк, ашколуд; гирён:**чашми пурнам**.

**ПУРНАМАК** پرنمک 1. пур аз намак, намакин.

2. он ки ҳусни бонамак дорад, бомалоҳат, малоҳатнок.

**ПУРНАТИҶА** پرنتیجه пурҳосил, пурсамар, бо натиҷаҳои хуб.

**ПУРНАФОСАТ** پرنفاست *ниг.* **пурназокат**.

**ПУРНАФЪ** پرنفع пурфоида, фоидаовар; фоидарасон.

**ПУРНАШЪА** پرنشعه пур аз кайф, пуркайф, сархушибахш.

**ПУРНЕЪМАТ** پرنعمت пур аз неъмат, пур аз нозу неъмат: **дастархони пурнеъмат**.

**ПУРНИДО** پرندا *кит.* пур аз нидо, пурғулғула, пурсарусадо.

**ПУРНИГОР** پرنگار бо нақшунигори бисёр, пурзинат, ранг ба ранг; ороставу пероста.

**ПУРНИЁЗ** پرنیاز бисёр бониёз, ниёзманд, ҳоҷатманд.

**ПУРНИҲЕБ** پرنهیب пур аз тарс, пур аз ҳавл, ботарсу бим, пурбим.

**ПУРНИШОТ** پرنشاط пур аз хурсандӣ, хурсандибахш, шодиовар.

**ПУРНОЗ** پرناز он ки нози зиёд дорад; бокарашмабо ғамзаҳои зиёд, пурғамза.

**ПУРНОЗУНУЗ** پرنازونوز *ниг.* **пурноз**.

**ПУРНОЛА** پرناله пур аз нола, пур аз зорӣ, бисёрноланда.

**ПУРНУҚСОН** پرنقصان он чи нуқсони зиёд дорад, нуқсондор.

**ПУРНУР** پرنور пур аз нур, бисёр равшан, мунаввар, дурахшон, фурӯзон: **чароғи пурнур**, **чашмони пурнур**.

**ПУРНУФУЗ** پرنفوذ 1. пуртаъсир, дахолатдор. 2. боэътибор, соҳибэҳтиром.

**ПУРНӮФ** پرنوف пур аз овозу садо, пуровоз, пурсадо; пур аз ғалоғулаи акси садо дар кӯҳ ва гунбаз.

**ПУРНӮШ** پرنوش пур аз ширинӣ, серширинӣ.

**ПУРОБ** پرآب 1. пур аз об, саршор аз об; сероб: **дарёи пуроб**, **косаи пуроб**. 2. пур аз ашк, пур аз миришк; гирён, ашкрез, ашкбор: **чашми пуроб**.

**ПУРОБИЛА** پرآبله пур аз обила, аз обила пур, обиладор: **дасти пуробила**.

**ПУРОБӢ** پرآبی пур аз об будан, серобӣ.

**ПУРОВОЗ** پرآواز пурғавғо, пурсарусадо, пур аз овоз; пурғулғула.

**ПУРОВОЗА** پرآوازه 1. пурғулғула, пурҳаёҳу, пурсадо. 2. машҳур, овозадор; ◊ **(ин) кохи пуровоза** *киноя аз* дунё.

**ПУРОДАМ** پرآدم пур аз одам, серодам, пурнуфус, мардумаш бисёр: **шаҳри пуродам**.

**ПУРОЖАНГ** پرآژنگ пуроҷинг, пурчин, пуршикан, чин-чин.

**ПУРОЗАР** پرآذر *кит.* 1. пуроташ; сӯзон. 2. *маҷ.* пурдарду алам.

**ПУРОЗАРМ** پرآزرم *кит.* пуршарм, шармгин, бо шарму ҳаёи зиёд.

**ПУРОЗОР** پرآزار сахт озурда, сахт ранҷида, бо ранҷу азоби зиёд.

**ПУРОПУР** پراپر 1. бисёр пур, лабрез, саршор, чизаш ниҳоят бисёр: **косаи пуропур**, **пиёлаи пуропур.** 2. пурра, ниҳоят ба эътидол расида; **бадани пуропур** бадани пурраи фарбеҳ.

**ПУРОРЗУ** پرآرزو пурҳавас, пур аз умеду орзу.

**ПУРОТАШ** پرآتش 1. пур аз оташ, аз оташ пур. 2. гарму сӯзон, пурҳарорат: **дили пуроташ**, **нутқи пуроташ**, **синаи пуроташ**. 3. рахшанда, дурахшон: **чашмҳои пуроташ**.

**ПУРОҲУ** پرآهو *кит.* пурайб, пурнуқсон.

**ПУРОҶИНГ** پرآجنگ *ниг.* **пурожанг**.

**ПУРОШӮБ** پرآشوب 1. пурғавғо, пурғулғула, бо шӯру ҳаёҳу: **кӯчаҳои пурошӯб**. 2. пур аз фитна: **замони пурошӯб**.

**ПУРПЕЧ** پرپیچ 1. пур аз печ, пурхам, тобхӯрда. 2. пурхам, пуртоб; **пурпечу тоб** дорои печу тоби зиёд: **пурпечу хам**.

**ПУРПИНА** پرپینه 1. дорои поргии зиёд, пурдарбеҳ, пурямоқ. 2. *ниг.* **пуробила**.

**ПУРРА** پرّه 1. тамом, расо, комил, бекаму кост: **боварии пурра**, **ваколати пурра**, **маълумоти пурра**, **се соли пурра**, **тасаввури пурра**, **пурра гардонидан (кардан)**. 2. комилан, ба таври мукаммал, ҳарҷониба, бакуллӣ: **пурра воқиф будан**, **пурра кардан** комил гардонидан, такмил додан, каму

кости чизеро пур кардан. 3. возеҳ, равшан, ҳаматарафа: **пурра фаҳмидан**. 4. то ба охир, сар то по, то ба анҷом; **сурудро (матнро, китобро) пурра хондан.** 5. пуропур, ғафс; фарбеҳ: **бадани пурра**, **гардани пурра**, **рӯи пурра**, **пурра дидан** нағз ва расо дидан; **пурра намудан** пур кардан, комил гардонидан.

**ПУРРАБАДАН** پرّه‌بدن сергӯшт, фарбеҳ.

**ПУРРАВНАҚ** پررونق боравнақ, боривоҷ, ривоҷнок.

**ПУРРАГӢ** پرّگی пурра будан; камолот; муфассалӣ, ҳарҷонибагӣ: **пуррагии ифода.**

**ПУРРАНГ** پررنگ серранг; **пуррангу бӯй** зебо, мувофиқи табъ.

**ПУРРАРӮ(Й)** پرّه‌رو(ی) рӯяш пурра, рӯяш расо.

**ПУРРАҲУҚУҚ** پرّه‌حقوق комилҳуқуқ, соҳибихтиёр, дорои ҳуқуқҳои комил.

**ПУРРОЗ** پرراز *ниг.* **пурмуаммо**.

**ПУРРУТУБАТ** پررطوبت пурнамӣ, намнокии зиёд: **замини пуррутубат**.

**ПУРСАБЗА** پرسبزه пур аз сабза, сабзазор.

**ПУРСАБР** پرصبر сабрнок, пуртоқат, тобовар.

**ПУРСАБРӢ** پرصبری пуртоқатӣ, тобоварӣ, пурсабр будан.

**ПУРСАБРОНА** پرصبرانه пуртоқатона.

**ПУРСАДО** پرصدا пуровоз, пурғулғула.

**ПУРСАЛОБАТ** پرصلابت пуршукӯҳ, боҳайбат, бовиқор.

**ПУРСАМАР** پرثمر 1. пурмева, пурҳосил, самаранок. 2. пурмаҳсул, маҳсулнок: **меҳнати пурсамар**, **пурсамар гардидан (гаштан, шудан)** серҳосил шудан.

**ПУРСАМАРА** پرثمره *ниг.* **пурсамар**.

**ПУРСАНГ** پرسنگ пур аз санг, сангзор, сангистон, дорои санги зиёд: **замини пурсанг**.

**ПУРСАНДА** پرسنده суолкунанда, касе, ки чизеро мепурсад, соил.

**ПУРСАНЪАТ** پرصنعت дорои санъати баланд; пурҳунар, пуристеъдод, пурмаҳорат.

**ПУРСАОДАТ** پرسعادت саодатманд, пур аз хушбахтӣ: **даврони пурсаодати тифлӣ**.

**ПУРСАРВАТ** پرثروت бой, ғанӣ, сарватманд.

**ПУРСАРЕҲ** پرصریح бисёр равшан, ҳувайдо, ошкор.

**ПУРСАРМОЯ** پرسرمایه он ки сармояи зиёд дорад, бадавлат, пулдор.

**ПУРСАФО** پرصفا пок ва тоза, равшан; беғаш, беғубор; рӯҳафзо; боғи пурсафо.

**ПУРСАХОВАТ** پرسخاوت он ки бисёр саховатпеша аст; пурҳиммат, сахӣ, ҳиммат-баланд; неъматбахш, файзбахш: **марди пурсаховат**.

**ПУРСИДАН** پرسیدن 1. суол кардан, пурсиш намудан, пурсон шудан; **пурсида гирифтан** *чизеро* пурсиш карда вазъияти чизеро фаҳмидан; **гап пурсидан** гап кофтан; вазъиятро фаҳмида гирифтан. 2. хостан, хоҳон шудан: **иҷозат пурсидан**, **маслиҳат пурсидан**. 3. хоҳиш кардан, талабидан. 4. ҷӯёи ҳол шудан, ҳолпурсӣ кардан, саломатии касеро пурсон шудан; **пурсида мондан** а) аҳволпурсӣ кардан; б) салом гуфтан. 5. ҷустуҷӯ кардан, таҷассус кардан, кофтан. 6. сардор ё ихтиёрдори ҷое будан, ҷое ё мансаберо идора кардан: ◊ **пурсидан айб нест**.

**ПУРСИДАНӢ** پرسیدنی 1. пурсидан хостан. 2. лоиқи пурсидан, он чи бояд пурсида шавад: **гапи пурсиданӣ**.

**ПУРСИМ** پرسیم пур аз сим, пур аз нуқра, пурганҷ.

**ПУРСИТОРА** پرستاره 1. пур аз ситора, ситораҳои зиёд: **осмони пурситора**. 2. *киноя аз* одами бо вазну тамкин, ситорабаланд.

**ПУРСИШ** پرسش 1. суол кардан, пурсидан; суол; **ба назари пурсиш** суоломезона нигаристан ба касе. 2. ҳолпурсӣ, аҳволпурсӣ, пурсиши ҳол. 3. хоҳиш, илтимос, талаб. 4. таҳқиқ, истинтоқ, тафтиш, санҷиш; **пурсиш кардан** истинтоқ кардан, гап пурсида тафтиш кардан. 5. бозхост, пурсуков, муохаза; **рӯзи пурсиш** *д.* рӯзи қиёмат: ◊ **аввал пурсиш**, **баъд кӯшиш** (*зарб.*).

**ПУРСИШНОМА** پرسش نامه варақаи пурсиш, анкета, баргаи саволу ҷавоб.

**ПУРСИШҶОНИШИН** پرسش جانشین *зби.* ҷонишини саволӣ (*мас.,* кӣ?, чӣ?, кадом?, куҷо?).

**ПУРСОН** پرسان *феъли ҳоли замони ҳозира аз*

**пурсидан**; **пурсон шудан** пурсидан, суол кардан, ҷӯё шудан.

**ПУРСОПУРС** پرساپرس пурсупоси бисёр, аҳволпурсӣ, суолу ҷавоби зиёд.

**ПУРСОЯ** پرسایه серсоя (*ҷой*) ҷое, ки дарахтони серсояи зиёд дорад.

**ПУРСУКОВ** پرس‌وکاو 1. пурсуҷӯ, кофтуков, ҷустуҷӯ. 2. тафтиш, истинтоқ; пурсиш, санҷиш.

**ПУРСУПОС** پرس‌وپاس аҳволи якдигарро пурсидан, аҳволпурсӣ вақти салому алейк, ҳолпурсӣ; **пурсупос кардан** ҳолпурсӣ кардан.

**ПУРСУРАТ** پرصورت 1. сурати бисёр. 2. гуногунранг, мунаққаш, нақшунигор.

**ПУРСУРУР** پرسرور 1. ниҳоят шод, хуррам: **дили пурсурур**, **мардуми пурсурур**. 2. хуррамибахш, шодиовар: **суруди пурсурур**.

**ПУРСУТӮҲ** پرستوه пуралам, пурдард, пурандӯҳ.

**ПУРСУҶӮ(Й)** پرس‌وجو(ی) 1. ҷустуҷӯй, пурсуков (*ба воситаи пурсиш аз якдигар*). 2. пурсупос, ҳолпурсӣ, аҳволпурсӣ: **пурсуҷӯи аҳвол**, **ба пурсуҷӯй даромадан**. 3. пурсиш, пурсидан; **пурсуҷӯй кардан** а) пурсиш кардан; б) пурсуков кардан, ҷустуҷӯй кардан.

**ПУРСӮЗ** پرسوز бо сӯзу гудоз, пургудоз, ба ҷӯши ҳиссиёт, пур аз дарду алам: **оҳи пурсӯз**, **саргузашти пурсӯзу гудоз**; **пурсӯзу гудоз навишта шудани** *чизе* бо дарду алам навишта шудани чизе.

**ПУРСӮЗУГУДОЗ** پرسوزوگداز пур аз сӯзу гудоз, пурандӯҳ, пурғам, пургудоз.

**ПУРТААФФУН** پرتعفّن бисёр бадбӯй (*хона, ҳаво*), гандида, бӯй гирифта.

**ПУРТАБ** پرتب пурҳарорат, бо таби баланд; **пуртабу тоб** пурсӯзу гудоз, дардманд, пуралам.

**ПУРТАВОН** پرتوان тавоно, муқтадир, дорои имконият ва қудрати зиёд.

**ПУРТАДБИР** پرتدبیر ботадбир, илоҷу чора ёбанда, чораҷӯй, халосгар.

**ПУРТАЗВИР** پرتزویر пурҳила, пурмакр, пурфиреб.

**ПУРТАКАББУР** پرتکبر такаббурнок, хеле мағрур ва мутакаббир.

**ПУРТАЛАБ** پرطلب он ки зиёд талаб мекунад; хоҳишманд, талабгор; серхарид (мол).

**ПУРТАЛОТУМ** پرتلاطم 1. пуртӯфон, пурҷӯш, пуршӯр, пуртуғён: **баҳри пурталотум**. 2. *маҷ.* пурғавғо, пурмағал, пуршӯр: **айёми пурталотум**, **давраи пурталотум**, **рӯзҳои пурталотум**.

**ПУРТАМАЪ** پرطمع он ки тамаи зиёд дорад, сахт тамаъкор, ҳарис.

**ПУРТАМКИН** پرتمکین бовиқор, вазнин: **одами пуртамкин**.

**ПУРТАНТАНА** پرطنطنه//پرتنتنه 1. тантанок, мутантан: **маҷлиси пуртантана**. 2. боҳашамат, пурдабдаба: **иморати пуртантана**.

**ПУРТАРОВАТ** پرطراوت бисёр тару тоза, бисёр шодоб: **боғи пуртароват**, **гули пуртароват**.

**ПУРТАҲДИД** پرتهدید таҳдидомез, даҳшатнок, мудҳишбо таҳдиди муқаррар.

**ПУРТАҲЛУКА** پرتهلکه серхавфу хатар; хавфнок: **вазъияти пуртаҳлука**.

**ПУРТАҶРИБА** پرتجربه таҷрибадор, корозмуда, пухтакор, малакадор.

**ПУРТАШВИШ** پرتشویش серташвиш, сертараддуд; бисёр ошӯфта ва беқарор: **аҳволи пурташвиш**, **рӯзи пурташвиш**.

**ПУРТАЪСИР** پرتاثیر муассир, таъсирнок, мусмир.

**ПУРТОБ** پرتاب *кит.* 1. пургиреҳ, пурпеч, пурчин. 2. *маҷ.* пурмакру фиреб. 3. бисёр гарм, сӯзон. 4. *маҷ.* пурхашм, ғазабнок, бурдбор.

**ПУРТОҚАТ** پرطاقت тоқатнок, пурсабр, тобовар.

**ПУРТОҚАТӢ** پرطاقتی тоқатнокӣ, пуртоқат будан, пурсабр, бурдборӣ.

**ПУРТОҚАТОНА** پرطاقتانه пурсаброна, тобоварона, бурдборона.

**ПУРТУҒЁН** پرطغیان *ниг.* **пурталотум**.

**ПУРФАЗАЪ** پرفزع *кит.* пурҳарос, пурбим, ваҳшатнок.

**ПУРФАЗИЛАТ** پرفضیلت фазилатнок, фозил, комил (*оид ба* хислатҳои шоиста, донишмандӣ).

**ПУРФАЙЗ** پرفیض *ниг.* **пурбаракат**.

**ПУРФАН** پرفن *кит.* бисёр ҳилагар, маккор, фиребгар; **ғамзаи пурфан** ғамзаи фитнаангез.

**ПУРФАРАҲ** پرفره пур аз шодию хурсандӣ, хурсандибахш, пурсурур.

**ПУРФАСОҲАТ** پرفصاحت хушбаён, бурросухан, равшанбаён, дақиқбаён.

**ПУРФИРЕБ** پرفریب ҳилагар, маккор.

**ПУРФИТНА** پرفتنه *кит.* он ки фитнаангезу вайронкор мебошад, пурфитна, пурфиреб.

**ПУРФОИДА** پرفایده судманд, баҳрарасон, манфиатнок; сердаромад, судбахш.

**ПУРФИТНА** پرفطه пурошӯб, пурғавғо, фитнаангез, ҳиллагар.

**ПУРФОҶИА** پرفاجعه пур аз фоҷиа, пур аз бадбахтӣ.

**ПУРФУСУН** پرفسون *ниг.* **пурафсун**.

**ПУРФУТӮҲ** پرفتوح дорои файзу баракат ва кушоиш; **рӯҳи пурфӯтӯҳ** рӯҳи пок.

**ПУРХАВОТИР**پرخواطر пурхавф, пуризтироб.

**ПУРХАВФ** پرخوف хавфнок, пурхатар: **пурхавфу хатар**.

**ПУРХАЁЛ** پرخیال 1. хаёлангез. 2. ҳардамхаёл.

**ПУРХАМ** پرخم пурпеч, пурчин, пуршикан, ҳалқа-ҳалқа.

**ПУРХАНДА** پرخنده 1. хандон: **рӯи пурханда**. 2. *маҷ.* зебо; рӯҳбахш: **гули пурханда**.

**ПУРХАТАР**پرخطر хатарнок, хавфнок, пурхавф.

**ПУРХАШМ** پرخشم хашмгин, бадқаҳр, ғазабнок.

**ПУРХАШМОНА** پرخشمانه хашмгинона, бадқаҳрона, ғазаболуд.

**ПУРХИРАД** پرخرد хирадманд, оқил, бошуур, боақл, ботадбир.

**ПУРХОБ** پرخواب 1. серхоб, хоболуд. 2. *маҷ.* хуморнок.

**ПУРХОК** پرخاک серхок, хоки бисёр дошта.

**ПУРХОР** I پرخار пур аз хор, он чи хор зиёд дорад; хордор: **буттаи пурхор**, **ҷангали пурхор**.

**ПУРХОР** II پرخوار пурхӯр, бисёрхӯр, шикампараст, баднафс, шикамбора, шикампараст.

**ПУРХОСИЯТ** پرخاصیت хосиятнок, нек, фархунда, саодатманд: **рӯзи пурхосият**.

**ПУРХОШОК** پرخاشاک 1. пур аз хошок, хасу хошокдор. 2. *маҷ.* монеадор, банду бастор.

**ПУРХУМОР** پرخمار бисёр хуморолуд, хуморнок; **чашми пурхумор** а) чашми хуморолуд; б) чашми зебо.

**ПУРХУН** پرخون 1. пур аз хун, хунолуд. 2. сурх, суп-сурх: **рӯи сурхчаи пурхун**. 3. *маҷ.* пурандӯҳ, аламзада, ғамгин: **дили пурхун**. 4. *маҷ.* хунгирифта, ғазабнок: **чашми пурхун**.

**ПУРХУРӮШ** پرخروش серҷӯшу хурӯш.

**ПУРХӮР** پرخور бисёрхӯр, шикампараст, баднафс.

**ПУРХӮРӢ** پرخوری шикампарастӣ, баднафсӣ, носерӣ.

**ПУРҲАВАС** پرهوس пур аз ҳавасу орзу, пуриштиёқ.

**ПУРҲАВОДИС** پرحوادث пур аз ҳодисаҳо, серҳодиса: **рӯзҳои пурҳаводис**.

**ПУРҲАДАС** پرحدث бисёр ифлос, бисёр олуда.

**ПУРҲАЁҲУ** پرهیاهو пурғавғо, пурғулғула, серқилу қол.

**ПУРҲАЗАР** پرحذر боҳазар, бисёр боэҳтиёт.

**ПУРҲАЙБАТ** پرهیبت пурбим, пурваҳшат, пурвоҳима.

**ПУРҲАЙРАТ** پرحیرت пуртааҷҷуб, тааҷҷубовар.

**ПУРҲАЛОВАТ** پرحلاوت ҳаловатнок, ҳаловатбахш.

**ПУРҲАРАКАТ** پرحرکت серҳаракат, чобук, чаққон.

**ПУРҲАРАҶ** پرحرج пур аз сахтӣ, бо душвориҳои бисёр.

**ПУРҲАРОРАТ** پرحرارت бисёр гарм, пуроташ, оташин; пурҷӯш, пурхурӯш (*ба маънои аслӣ ва маҷозӣ*): **нафаси пурҳарорат**, **нутқи (суха-**

**ни) пурҳарорат**.

**ПУРҲАСАД** پرحسد пуррашк, дорои ҳасаду бадбинӣ.

**ПУРҲАСРАТ** پرحسرت пур аз ғаму дард, пурандӯҳ, пурғам.

**ПУРҲАШАМ** پرحشم *кит.* боҷалол, бошукӯҳ, пурдабдаба, боҳашамат.

**ПУРҲАШАМАТ** پرحشمت дабданок, пуразамат, соҳиби ҷоҳу ҷалоли зиёд.

**ПУРҲАЯҶОН** پرهیخان ҳаяҷоннок, пуризтироб.

**ПУРҲИКМАТ** پرحکمت дорои андарзи зиёд, ҳикматомез: **сухани пурҳикмат**.

**ПУРҲИЛА** پرحیله пурмакр, пур аз фиребу дасиса, бисёр маккору ҳилагар.

**ПУРҲИММАТ** پرهمت 1. бо азму иродаи қавӣ. 2. босаховат, саховатманд, ҳимматбаланд.

**ПУРҲУЗН** پرحزن пурандӯҳ, пурғам.

**ПУРҲУНАР** پرهنر ҳунарманд, соҳибҳунар, моҳир, ҳунарвари панҷ панҷааш ҳунар.

**ПУРҲУШ** پرهوش ҳушёр, ҳушманд, зирак.

**ПУРЧАМИН** پرچمین пур аз ифлосӣ.

**ПУРЧАНГ** پرچنگ чангнок, анголуд, ғуборолуд.

**ПУРЧИН** پرچین 1. чиндор, оҷингдор, пурочинг: **пешонаи пурчин**, **рӯи пурчин**. 2. чинчин, гиреҳдор, пуршикан: **мӯи пурчин**.

**ПУРҶАДАЛ** پرجدل пур аз ҷадал, пурхашхаша, серҳаракат.

**ПУРҶАНҶОЛ** پرجنجال 1. пурҷанҷол, пур аз ҷангу ҷанҷол. 2. беҳад ҷанҷолӣ, хеле ҷангара.

**ПУРҶАСОРАТ** پرجسارت ҷасур, нотарс, пуршуҷоат, бод илу гурда.

**ПУРҶАФО** پرجفا пур аз ранҷу ҷафо, пурмашаққат, пуразоб.

**ПУРҶИГАР** پرجگر *кит.* пурҷуръат, бисёр нотарсу далер, бод илу ҷигар.

**ПУРҶИГАРӢ** پرجگری *кит.* пурҷуръатӣ, нотарсӣ, далерӣ.

**ПУРҶИЛВА** پرجلوه 1. пур аз ҷилва, ҷилвагар. 2. пурҷило, тобон; дилкаш: **манзараи пурҷилва**.

**ПУРҶИЛО** پرجلا 1. бисёр равшан: 2. дурахшон, тобон: **рангҳои пурҷило**.

**ПУРҶОЗИБА** پرجاذبه ҷозибанок, ҷозиб, ба худ кашанда: **нигоҳи пурҷозиба**.

**ПУРҶУССА** پرجثه 1. тануманд, танованд, калонҷусса, бузургҷусса. 2. хеле вазнин.

**ПУРҶӮШ** پرجوش 1. пурталотум, ҷӯшон, хурӯшон (*мас., дарё*). 2. пуршӯр, пурҳаяҷон; **дили пурҷӯш** дили дар шӯру ҳаяҷон.

**ПУРШАВКАТ** پرشوکت 1. пурқудрат, пурқувват; 2. баландмартаба, боэътибор; пуршаън; **пуршавкату шон** пурҷоҳу ҷалол, бо эътибори бузург.

**ПУРШАВҚ** پرشوق соҳиби завқи баланд, соҳибзавқ; **пуршавқу завқ** пурҳавас.

**ПУРШАК(К)АР** پرشکر бисёр ширин, лазиз, бомазза.

**ПУРШАР** پرشر **:пуршару шӯр** пур аз ғавғо, пурошӯб, пур аз ғиреву ғалоғула.

**ПУРШАРАР** پرشرر пуршарора, шарорафишон, шӯълавар: **оташи пуршарар**.

**ПУРШАРАФ** پرشرف пуршаън, шарофатманд, пурифтихор: **кори пуршараф**, **роҳи пуршараф**.

**ПУРШАРМ** پرشرم пурҳаё, бо ору номус; **пуршарм будан** беҳад шарм кардан: **духтари пуршарм**.

**ПУРШАРОБ** پرشراب 1. пур аз шароб, аз шароб саршор. 2. *маҷ.* маст.

**ПУРШАРОРА** پرشراره пуроташ, шӯълавар: **дили пуршарора**.

**ПУРШАРОФАТ** پرشرافت бошарофат, бошараф.

**ПУРШАФАҚ** پرشفق *кит., киноя аз* сурх, суп – сурх

**ПУРШАФҚАТ** پرشفقت пур аз меҳру шафқат, меҳрубонии беҳад, дилсӯзӣ, ғамхорӣ.

**ПУРШАҲД** پرشهد пур аз шаҳд, бисёр ширин; болаззат: **харбузаҳои пуршаҳд, пуршаҳду шакар.**

**ПУРШАҲОМАТ** پرشهامت бузург, далер, нотарс.

**ПУРШАЪН** پرشأن пуршавкат, пуршараф; баландмартаба: **пуршаъну шавкат**, **пуршаъну шараф**.

**ПУРШЕБ** پرشیب пурнишеб, пуркаҷу килеб; **пуршебу фароз** пасту баланд.

**ПУРШИДДАТ** پرشدت хеле шиддатнок; тезу тунд: **мубориза пуршиддат**, **ҷанги пуршиддат**.

**ПУРШИКАН** پرشکن 1. пурчин, пурхам, пургиреҳ, пурпечу тоб. 2. пуроҷинг.

**ПУРШИКАСТ** پرشکست пурпечу тоб, пурхам, пуршикан.

**ПУРШИТОБ** پرشتاب 1. бошитоб, ботаъҷил, чусту чолок. 2. музтариб, мушавваш, пурошӯб, беқарор.

**ПУРШОН** پرشان *ниг.* **пуршаън**.

**ПУРШУКУФА** پرشکوفه шукуфон, пур аз гул.

**ПУРШУКӮҲ** پرشکوه бисёр бузург, азим, пуршавкат, пурҳашамат: **ҷашни пуршукӯҳ**.

**ПУРШУҶОАТ** پرشجاعت пур аз шуҷоату, далерӣ, диловарӣ, ҷасорат.

**ПУРШӮР** پرشور 1. пурталотум, пурғулғула, пурғавғо, пурҳаёҳу. 2. пурошӯб, пуртуғён, пурҷӯшу хурӯш.

**ПУРШӮҲРАТ** پرشهرت шӯҳратманд, машҳур, пуровоза, овозадор.

**ПУРШӮЪЛА** پرشعله пур аз шӯъла, пур-аланга, шӯълафишон, фурӯзон: **оташи пуршӯъла**.

**ПУРЭҲСОН** پراحسان 1. накӯкор, пурлутфу марҳамат. 2. пурнозу неъмат.

**ПУРЭҲСОС** پراحساس пурҳис, зудфаҳм, ҳасос (*мас., дил, шеър*).

**ПУРЭҲТИЗОЗ** پراهتزاز 1. пурҷунбиш, беҳад ларзанда (*мас.*, *барги дарахт*). 2. пур аз хушию хурсандӣ.

**ПУРЭҲТИРОМ** پراحترام пур аз эҳтиром, соҳибэҳтиром.

**ПУРЭҲТИРОС** پراحتراس бо шавқу завқи бисёр: **каломи пурэҳтирос**.

**ПУРЭЪТИМОД** پراعتماد боэътимод, эътиборнок; боварибахш.

**ПУРЭЪҶОЗ** پراعجاز *д.* мӯъҷизанок, мӯъҷизакор, пур аз корҳои ҳайратовар.

**ПУС** پس *шакли кӯтоҳшудаи* **писар**.

**ПУСАНДАР** پسندر *шакли кӯтоҳшудаи* **пусарандар**.

**ПУСАР** پسر *ниг.* **писар**.

**ПУСАРАНДАР** پسراندر *ниг.* **писарандар**.

**ПУТ** پت **:луту пут** *кҳн.* таомҳои лазиз бо машрубот; хӯрданӣ ва нӯшиданӣ.

**ПУТК** پتک болғаи калони оҳангарӣ, чакуши калон; болға.

**ПУФ** پف дам ё боде, ки барои куштани чароғ, гиронданӣ оташ, сард кардани чизҳои гарм, дур кардани гарди рӯи чизе ё дамондани баъзе чизҳои даманда аз даҳон мебароранд; **пуф карда куштани** *чизе*; **пуф карда дам кардани чизҳои дамандаро**; **пуф-пуф карда** тоза кардан чизеро; ◊ **аз карнайчӣ як пуф** кору ҳаракати андак, ки натиҷа мебахшад ё не (*зарб.*); **ба як пуф маътал** *назири* **ба як ишора маътал**; **оби худро пуф карда хӯрдан** бо эҳтиёт кор кардан.

**ПУФАК** پفک ҳар чизе, ки даруни онро бо бод пур карда бошанд, ё бо бод пур шуда бошад.

**ПУХТА** پخته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **пухтан**. 2. сифати он чи, ки дар оташ мепазанд; *муқоб.* **хом**: **гӯшти пухта**. 3. расида, қобили хӯрдан шуда: **ангури пухта**, **харбузаи пухта**. 4. дар оташ пазондашуда, дар хумдон тайёршуда: **хишти пухта**. 5. *маҷ.* таҷрибанок, кордида, корозмуда, кордон; оқил, доно: **одами пухта**. 6. ҳар чизе, ки аз рӯи қоида маҳкаму пойдор сохта шуда бошад: **ин иморат бисёр пухта аст**. 7. аниқ, дуруст, мукаммал, комил: **маълумоти пухта**, **саводи пухта**. 8. оқилона, мӯътабар, ба ҳақиқат наздик: **маслиҳати пухта**, **сухани пухта**, **ҷавоби пухта**; **пухта гап задан** оқилона гап задан, бомаънӣ сухан кардан; **пухта кардан** а) ба ҳадди эътидол расонидан; б) дуруст ва бекаму кост гардонидан; аниқ ва равшан кардан; **пухта расидан** тайёр шудан, барои амал омода гаштан, ба воя расидан; **пухта шудан** а) мукаммал шудан, мустаҳкам шудан, бекаму кост шудан; б) таҷриба ҳосил кардан, кор ёд гирифтан; доно гаштан; **корро пухта кардан** ягон амалро хуб фикр карда тайёр кардан, пазондан.

**ПУХТАГӢ** پختگی 1. *шакли дигари сифати феълии замони гузашта аз* **пухта**. 2. пухта будан, расидагӣ. 3. доноӣ, оқилӣ;

тачрибанокӣ, кордонӣ. 4. комилӣ, мукаммалӣ. 5. ҳал шудагӣ; муайян шудагӣ.

**ПУХТАКОР** پخته‌کار дар кори худ боэҳтиёт; таҷрибанок; кордон, корозмуда, таҷрибадор.

**ПУХТАКОРӢ** پخته‌کاری кордонӣ, маҳоратнокӣ, таҷрибадорӣ.

**ПУХТАКОРОНА** پخته‌کارانه бо кордонӣ, бо пухтакорӣ.

**ПУХТАМАҒЗ** پخته‌مغز 1. мағзи расида, мағзи пухташуда . 2. *маҷ.* ботаҷриба, оқил, доно.

**ПУХТАН** پختن 1. чизеро ба воситаи оташ пазондан, ҷӯшондан, нарм кардан барои хӯрдан: **ош пухтан**, **нон пухтан**, **хӯрок пухтан**. 2. расидани ҳосил (*аз қабили* меваҳо, ғалладона *ва г.)*. 3. расида ба кафидан наздик шудан (*-и реш ва монанди инҳо*). 4. тайёр ва омода кардан (шудан); дуруст кардан (шудан); бо фикру мулоҳиза ё бо маслиҳат амале шуғлеро анҷом додан ё тайёр кардан; **корро пухтан** тайёр кардан. 5. обутоб ёфтан (додан), мустаҳкам шудан (кардан); **гап пухтан** ба як қарори муайян омадан, ҳамфикр шудан, мувофиқат кардан; **маслиҳат пухтан** ба қарори муайян омадан; ◊ **бо вай атола пухта намешавад** бо вай кори хурдеро ҳам анҷом додан мумкин нест.

**ПУХТАРОЙ** پخته‌رای хирадманд, оқил, доно.

**ПУХТАСОЗӢ** پخته‌سازی пухтакорӣ, кори оқилона ба ҷо овардан.

**ПУХТАСУХАН** پخته‌سخن он ки суханаш бо мазмуни баланд ва салис аст.

**ПУХТАХОР** پخته‌خار тайёрхӯр, муфтхӯр.

**ПУХТУПАЗ** پختوپز хӯрокпазӣ, таомпазӣ.

**ПУЧ** پوچ 1. дарунхолӣ, бемағз: **пистаи пуч**. 2. бемазмун, бемаънӣ; беҳуда, беасос; **ҳама гапи пучу бекор; пуч баромадан** беасос баромадан, дурӯғ будан; **бағали (домани)** *касеро* **бо чормағзи пуч пур кардан** бо гапҳои дурӯғ касеро бовар кунонидан, ваъдаи хушку беҳуда додан.

**ПУЧАК** I پوچک 1. пуч, холӣ, дарунхолӣ, бемағз. 2. *маҷ.* беарзиш беқадр; **пули пучак** а) тангаи аз истифода баромада; б) тангаи беарзиш, тангаи камбаҳо; **ба як пули пучак наарзидан** тамоман беқадр ва бекора будан.

**ПУЧАК** II پوچک *тиб.* думмал, чипқон.

**ПУЧАЛА(К)** پوچله//پوچلک пажмурда, хазоншуда.

**ПУЧИДАН** پوچیدن *гуфт.* 1. бо ду ангушти худ ягон ҷои бадани касеро маҳкам гирифта фишор додан, то ки ба дард ояд. 2. нӯги растаниҳоро бо нохун бурида гирифтан, то ки шохаҳои паҳлӯ қувват гиранд.

**ПУЧМАҒЗ** پوچمغز 1. бемағз. 2. нодон, аҳмақ.

**ПУЧМАҒЗӢ** پوچمغزی *кит.* нодон будан, нофаҳмӣ, бефаҳмӣ; аҳмақӣ.

**ПУЧУҚ** *т.* پچق бинии паҳн ва пачақ; бинии пучуқ, он ки бинии паҳн ва пачақ дорад.

**ПУЧЧАК** پوچک 1. *ниг.* **пучак**. 2. як навъ тугмаи либос.

**ПУШАЙМОН** پشیمان нохушнудӣ ва афсӯсхӯрӣ аз кори кардаи худ; **пушаймон будан** дар надомат будан, мутаассиф будан (*аз кардаи худ*); **пушаймон шудан** афсӯс хӯрдан, водареғ гуфтан; **аз зоида шуданаш пушаймон** дар ҳаққи касе гӯянд, ки аз ҳама чиз норозӣ бошад.

**ПУШАЙМОНИОВАР** پشیمانی‌آور он чи боиси пушаймонӣ мешавад.

**ПУШАЙМОНӢ** پشیمانی надомат, таассуф, афсӯс; нохушнудӣ аз ягон кор ё аз гуфтори худ; **пушаймонӣ хӯрдан** пушаймон шудан: **кори бад пушаймонӣ меоварад** (*зарб.*), **андеша кардан, ки чӣ гӯям, беҳ аз пушаймонӣ, ки чаро гуфтам** (*зарб.*).

**ПУШАК** پشک *кит.* гурба, пишак.

**ПУШК** پشک пишк, саргини буз, гӯсфанд, шутур, оҳу *ва г.*

**ПУШЛАНГ** پشلنگ *кит.* бемаънӣ, ҳарза; ноқис, маъюб.

**ПУШТ** پشت 1. қисми қафои бадан аз миён боло то китфу шона ва гардан; тахтапушт. 2. тарафи ақиби ҳар чиз, қафо, ақиб, пас: **пушти дар**, **пушти хона**, **аз пушт** аз пас, аз қафо; **аз пушти** а) аз паси, аз ақиби, баъди; б) дар ғайби, дар набудани (касе). 3. пай, дунбол; **пушти ҳам** паи ҳам; **пушти ҳамдигар** дунболи якдигар, пушт ба пушт; **пушт-пушти**... аз қафои..., ба дунболи.... 4. боло, қисми болои ҳайвонот. 5. пуштибонӣ, ҳимоят; **аз пушти**... аз шарофати, бо мададгории...; **пушту паноҳ** такягоҳ, мададгор, ҳомӣ; **ба пушти…** а) ба тахтапушти…; б) ба қафои…, ба паси...; **дар пушти**… дар паси…, дар қафои…. 6. насаб, авлод, нажод; **пушташ ба замин нарасида** мағлубнашуда дар гуштин, зӯр, паҳлавон; **пушти сари** *касе* дар ғайби касе, дар набудани касе; **пушт гардонидан** гурехтан; **пушти** *касеро* **дидан** гурехтани касеро дидан; **пушти** *касеро* **хок**

**хӯронидан** касеро дар гӯштин мағлуб кардан; **пушти корро хунук накардан** кореро дар вақташ иҷро кардан, барои дар вақташ иҷро кардани коре кӯшидан; **пушти ману табари қассоб** (*мақ.*) аз касе чизе парвое накардан, ба гапи *касе* чизе аҳамият надодан, чизеро нодида гирифтан; **пушти по задан** *чизеро* чизеро рад кардан, аз чизе рӯй гардонидан, эътибор надодан; **пушти сарам ҳам набинад** ҳаргиз набинам, безор будан. **пушти сар кардани** *чизеро* а) чизеро аз сар гузаронидан; б) чизеро тарк кардан; **пушти сар хоридан** ҳайрон шудан; **пушт маҳкам будан** пурзӯр ва пурқувват будан, ҳомӣ доштан; **пушт хам шудан** қомат хамидан, қомат дуто шудан (аз *гам*, аз *гусса*, *аз* фишору тазйиқ); **ба пушту пеш... (паҳлу) нигоҳ карда гап задан** вазъиятро ба ҳисоб гирифтан гап задан.

**ПУШТА** پشته 1. баландӣ, тал, теппаи начандон баланд. 2. хоктӯдаи рӯи қабр; қабр; қабристон. 3. болои ҷӯяки растаниҳои палакӣ , ки дар он ҷо шоху навдаҳои онҳо паҳн мешавад: **пуштаи харбуза**, **пуштаи хок.** 4. баста ё тӯдаи ҳезум, хас, алаф *ва г*, ки ба як бор ба пушт бардошта мешавад; пуштора: **як пушта ҳезум**, **як пушта алаф**; **пушта-пушта** тӯда-тӯда; пуштора-пуштора.

**ПУШТАК** I پشتک 1. намадзин. 2. *шакли тасгири* **пушт**: **пуштаки китоб**.

**ПУШТАК** II پشتک **:пуштак истодан** пушти худро хам карда истодан, то ки лингча, қанор ё чизи дигарро бор кардан, ё каси дигарро бардошта ба ҷое баровардан осон шавад.

**ПУШТАКӢ** پشتکی *гуфт.* чизе ё касеро ба пушт гирифтан; ба воситаи пушт, тариқи пушт; пуштакӣ; **пуштакӣ хоб рафтан** ба пушт хоб рафтан.

**ПУШТАКӮҲ** پشته کوه *ҷугр.* паҳнкӯҳ, ҳамвории баланди сатҳаш тахт, ё каме пасту баланд, ки аз ҳамвориҳои ҳамҳудуд бо зинапояҳо ҷудо мешавад: **пуштакӯҳи пиряхи Помир**.

**ПУШТАНГ** پشتنگ зин, забартанги зини асп.

**ПУШТАЛАНГ** پشتلنگ *ниг.* **пушланг**.

**ПУШТБАРАҲНА** پشتبرهنه қафои баданаш бараҳна.

**ПУШТБОЛО** پشتبالا пушташ ба тарафи боло, шикам ба замин.

**ПУШТБОН** پشت بان 1. *ниг.* **пуштибон**. 2. чӯбе, ки барои мустаҳкам нигоҳ доштани дарвоза ба он зада мешавад.

**ПУШТБОНӢ** پشت بانی *ниг.* **пуштибонӣ**.

**ПУШТВОН** پشتوان 1. сутун ва чӯбе, ки барои нигоҳ доштани девор ва ё қисмҳои дигари иморат гузошта мешавад; тиргак, пуштак. 2. нигаҳбон, муҳофиз; ҳомӣ, пушту паноҳ.

**ПУШТВОРА** پشتواره як баста бор, ки бар пушт мебардоранд; пуштӣ; пуштора.

**ПУШТГАРМ** پشتگرم **:пуштгарм будан** ба мадад ва ҳимояи касе боварӣ дошта ба коре иқдом кардан.

**ПУШТГАРМӢ** پشتگرمی эътимод, итминон (ба касе, чизе), умеди мададгорӣ аз касе.

**ПУШТИБОН** پشتی بان ҳомӣ, нигаҳбон, пушту паноҳ, такягоҳ; пуштвон.

**ПУШТИБОНДОР** پشتباندار он ки пуштибон дорад, ҳомидор.

**ПУШТИБОНӢ** پشتبانی ҳимоят, мададгорӣ, дастгирӣ, ёрӣ.

**ПУШТИВОНӢ** پشتیوانی *ниг.* **пуштвон** 1.

**ПУШТИГИР** پشتی گیر *ниг.* **пуштбон**.

**ПУШТИГУЛ** پشتیگل монанд ба ранги гул; гулобӣ, пуштӣ.

**ПУШТИКОМӢ** پشتکامی *збш.* пушти ком будан; қафои ком; **ҳамсадои пуштикомӣ** ҳамсадоҳое, ки дар паси ком талаффуз мешаванд.

**ПУШТИПАРДАГӢ** پشتپردگی пасипардагӣ; пӯшида, махфӣ.

**ПУШТӢ** پشتی 1. *мансуб ба* **пушт.** 2. ҷомаи кӯтоҳ, ҷомае, ки то миён меояд. 3. ёрӣ, мададгорӣ, ҳимоят, тақвият; **пуштӣ ёфтан** ёрӣ дидан, кумак гирифтан, ҳимоят доштан, **пуштӣ кардан** ёрӣ додан, ҳимоят намудан; **пуштии** *касеро* **гирифтан** тарафдори касе шудан. 4. порчаи намадини зери зини асп. 5. *гуфт.* зоти, кор ё касбе, ки аз авлод ба авлод меояд.

**ПУШТКӮЗ** پشت‌کوز пушти хам дошта, пушти хам, кӯзапушт, хамидақад.

**ПУШТНОК** پشتناک *гуфт.* гирифтори касалии саръ; девонаавзоъ.

**ПУШТНОКӢ** I پشتناکی бо пушт, ақибнокӣ: **пуштнокӣ рафтан**, **пуштнокӣ хобидан**, **пуштнокӣ ғалтонидан**.

**ПУШТНОКӢ** II پشتناکی *гуфт.* ҳомӣ доштан, такягоҳ доштан.

**ПУШТНОКӢ** III پشتناکی саръӣ, девонаавзоӣ, зиёндорӣ; ҳолати касалии девонамизоҷ.

**ПУШТОПУШТ** پشتاپشت пасиҳам, пайдарпай, пайваст, муттасил.

**ПУШТОРА** پشتاره бастаи боре, ки ба пушт мебардоранд; пуштаи бор; **пуштора кардан** ба пушт бардоштан; **ба пуштора кашидан (кашондан)** пуштора карда овардан (бурдан), ба пушт бардошта овардан (бурдан).

**ПУШТОРАКАШ** پشتاره‌کش боркаш, ҳаммол.

**ПУШТРЕШ** پشت‌ریش захми пушт дошта; он ки пушташ маҷрӯҳ шудааст.

**ПУШТСӮХТА** پشت سوخته пушташ сӯхта: **нони пуштсӯхта**.

**ПУШТУ** پشتو *ниг.* **пашту**.

**ПУШТХАМЗАДА** پشت‌خمزده *ниг.* **пуштхамида**.

**ПУШТХАМИДА** پشت خمیده хамидақад, миёнхам; **кампири пуштхамида** кампири миёнхам.

**ПӮ** پو *кит.* 1. пурсиш, тафтиш. 2. давандагӣ: **пӯ гирифтан** давидан, давон шудан.

**ПӮ(Й)** پو(ی) **:таку пӯй** даводавӣ, шитоб; *муқ.* **так; дав**.

**ПӮБ//ПӮП** پوب//پوپ *кит.* фарше, ки барои зеб густурда мешавад, густурданӣ.

**ПӮЁ** پویا *кит.* 1. даванда, бо таъҷил ва шитоб раванда. 2. ҷӯянда; таъқибкунанда, пайгир.

**ПӮЁН** پویان 1. дар ҳолати давидан; тозон, шитобон. 2. ҷӯён (*касеро*); ҷӯянда.

**ПӮЗ** پوز гирдогирди даҳон, фук, тумшуқ.

**ПӮЗБАНД** پوزبند даҳанбанд, банди нӯхтамонанд, ки бар даҳони ҳайвонот баста мешавад.

**ПӮЗИШ** پوزش *кит.* узрхоҳӣ, маъзарат; **пӯзиш хостан** узр хостан.

**ПӮЗИШГАР** پوزشگر *кит.* узрхоҳ, маъзаратхоҳ.

**ПӮЗИШПАЗИР** پوزش‌پذیر *кит.* узр қабулкунанда, бахшанда.

**ПӮЗХАНД** پوزخند *кҳн.* писханд.

**ПӮИШ** پوئیش *кит.* 1. давутоз, тараддуд. 2. кофтуков, ҷустуҷӯ.

**ПӮЙИДАН** پوئیدن *кит.* 1. давидан, шитоб кардан; рафтан. 2. *маҷ.* хостан.

**ПӮК** I پوک ғаллаи дар чоҳ гӯркарда, ғаллае, ки дар чоҳ рехта болояшро бо хасу хошок ва хок пӯшида бошанд.

**ПӮК** II پوک 1. дарунхолӣ, дарунковок, пӯсида, миёнхолӣ; пуч: **дарахти пӯк**. 2. *гуфт.* гаранг, каллаварам, бефаҳм.

**ПӮКА** پوکه даҳанаи чизе; даҳонтиққӣ.

**ПӮКДАҲАН** پوک‌دهن 1. бефаҳм. 2. лаққӣ.

**ПӮКИДАН** پوکیدن лаққидан, гапро бемавқеъ гуфта мондан, нафаҳмида сирреро ифшо кардан.

**ПӮКӢ** پوکی 1. холигӣ, бемағзӣ. 2. *маҷ.* бемаънигӣ, бемулоҳизагӣ.

**ПӮККА** پوکه *ниг.* **пӯк**.

**ПӮККАШАК** پوک‌کشک пармача барои кашида гирифтани пӯка аз даҳони шиша *ва монанди он.*

**ПӮККИДАН** پوکیدن *ниг.* **пӯкидан**.

**ПӮКШАВӢ** پوکشوی фартутшавӣ, афсурдагӣ.

**ПӮЛА** پوله *кит.* 1. кӯфташуда, шикаста, аз зарб мулоимшуда; **пӯла кардан** зада маҷақ кардан. 2. пухта мулоим шудани чизе: **харбузаи пӯла**.

**ПӮЛОД** پولاد 1. филизи нуқраранги бисёр мустаҳкам, ки аз якҷоя гудохтани он бо миқдори муайяни карбон ҳосил мешавад: **пӯлоди афзорӣ**, **пӯлоди Димишқ**, **пӯлоди ҷавҳардор**. 2. *маҷ.* ҳар чизи сахт ва мустаҳкам: **чун пӯлод**, **дили чун пӯлод**, **қалъаи чун пӯлод**.

**ПӮЛОДБОЛ** پولادبال болаш аз пӯлод, оҳанинбол; **мурғи пӯлодбол** ҳавопаймо.

**ПӮЛОДВОР** پولادوار пӯлодмонанд; чизи сахт ва устувор.

**ПӮЛОДГАР** پولادگر пӯлодсоз, оҳангар.

**ПӮЛОДГУДОЗ** پولادگداز он ки пӯлод мегудозад: **устои пӯлодгудоз**, **коргари пӯлодгудоз**.

**ПӮЛОДГУДОЗӢ** پولادگدازی пӯлод гудохтан, пӯлод об кардан.

**ПӮЛОДДАСТ** پولاددست қавидаст, пурзӯр.

**ПӮЛОДИН** پولادین 1. аз пӯлод, аз пӯлод сохташуда. 2. *маҷ.* сахт ва мустаҳкам: **аспи**

**пӯлодин**, **мурғи пӯлодин**, **сафи пӯлодин**, **қалъаи пӯлодин**.

**ПӮЛОДӢ** پولادی *ниг.* **пӯлодин**: **сандуқи пӯлодӣ**.

**ПӮЛОДМЕХ** پولادميخ 1. мехи аз пулод сохташуда, пӯлодинмех; сахтнаъл. 2. *мач.* сахт, мустаҳкам; побарҷо; аз ҷой наҷунбанда.

**ПӮЛОДНАЪЛ** پولادنعل пӯлодиннаъл, наъле, ки аз пӯлод сохта шудааст.

**ПӮЛОДПӮШ** پولادپوش зиреҳпӯш, ҷавшанпӯш, мубориз.

**ПӮЛОДРАГ** پولادرگ *мач.* сахтраг, раги таранг дошта, пурзӯр (*сифати асп.*).

**ПӮЛОДРАНГ** پولادرنگ ба ранги пӯлод монанд.

**ПӮЛОДРЕЗ** پولادريز он ки пӯлодро гудохта ба қолаб мерезад: **коргари пӯлодрез**.

**ПӮЛОДРЕЗӢ** پولادريزی пӯлодро об карда ба қолиб рехтан: **корхонаи пӯлодрезӣ**.

**ПӮЛОДСАНҶ** پولادسنج 1. он ки сифат ва кайфияти пӯлодро мушоҳида мекунад. 2. *кит. киноя аз* шамшерзан, мубориз, ҷанговар.

**ПӮЛОДСОЙ** پولادسای пӯлодсоянда, бисёр сахт.

**ПӮЛОДСУМ** پولادسم *киноя аз* сахтсум (*сифати асп*).

**ПӮЛОДХОЙ** پولادخای *кит.* ҷанговари пурзӯр ва шуҷоъ.

**ПӮПАК** پوپک 1. бастаи (бандчаи) бофтаҳои тори абрешимӣ, ресмонӣ ё риштаҳои зарин, ки барои ороиш ба нӯги баъзе чизҳо ё дар атрофи баъзе чизҳо меовезанд: **пӯпаки нӯги дутор**, **пӯпаки лӯлаболишт**. 2. як намуд парандаи зебо, ки ба сараш кокул дорад; шонасарак, ҳудҳуд, пӯптиш.

**ПӮПАКДОР** پوپک دار пӯпакнок, пӯпакӣ: **гарданбанди пӯпакдор**, **мӯи пӯпакдор.**

**ПӮПАКӢ** پوپکی :**чойи пӯпакӣ** *гуфт.* чойи (кабуди) хуб дамшуда.

**ПӮПАНАК** پوپنک 1. мағор; замбурӯғчаҳои беҳад хурди рӯи баъзе чизҳо, ки аз тарӣ, рутубат ва кӯҳнагӣ пайдо мешаванд. 2. зангор; **пӯпанак бастан** а) мағор бастан; б) зангор задан.

**ПӮПАНАКБАСТА** پوپنک‌بسته мағорбаста, зангорзада.

б) *мач.* **пӯст даридан** несту нобуд кардан,

**ПӮПИДОР** پوپیدار пӯпинок, тӯғдор: **мокиёни пӯпидор**.

**ПӮПИНАМУРҒ** پوپینه‌مرغ *ниг.* **шонасарак**.

**ПӮПИСА** پوپیسه дӯғу даранг, таҳдид; **пӯписа кардан** дӯғ задан, таҳдид кардан.

**ПӮПӢ** پوپی тӯғи сари баъзе парандаҳо, тоҷ ё кокули сари баъзе парандаҳо.

**ПӮПТИШ** پوپتیش *ниг.* **шонасарак**.

**ПӮПУ** پوپو *кит., ниг.* **шонасарак**.

**ПӮСАНДАГӢ** پوسندگی пӯсиш, фосидшавӣ, вайроншавӣ.

**ПӮСИДА** پوسيده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **пӯсидан**. 2. тосида, вайроншуда, кӯҳнашуда: **сабзавоти пӯсида**. 3. аз ҳам рехта, дарида, порашуда: **чарми пӯсида**. 4. фосидшуда, харобшуда, вайроншуда**.**

**ПӮСИДАГӢ** پوسيدگی 1. *шакли дигари сифати феълии замони гузашта аз* **пӯсида**. 2. тосида, вайроншуда, фосидшуда.

**ПӮСИДАН** پوسيدن 1. вайрон шудан, табоҳ гардидан, тосидан, аз ҳам рехтан. 2. *мач.* вайрон шудан, фарсуда гаштан. 3. *мач.* зоеъ шудан, беҳуда нобуд шуда рафтан.

**ПӮСИШ** پوسش 1. пӯсидан, вайроншавӣ, тосидан, зоеъ гаштан. 2. *мач.* хароб шудан; инқироз.

**ПӮСОНАНДА** پوساننده он чи боиси пӯсонидани чизи дигар мешавад.

**ПӮСОН(И)ДАН** پوساندن//پوسانيدن *шакли бавоситаи феъли* **пӯсидан**; зоеъ гардондан; нобуд кардан.

**ПӮСТ** پوست 1. он чи рӯи бадани одам ва ҳайвонотро пӯшондааст; ҷилди бадани одам ва ҳайвонот: **пӯсти гӯсфанд**, **пӯсти паланг**, **пӯсти рӯбоҳ**. 2. пардаи берунии баъзе аз сабзавот ва меваҳо аз қабили сабзӣ, пиёз, себ, картошка *ва г.*; **пӯсташ (рафта) ба устухонаш часпидааст** хеле хароб ва лоғар аст; **пӯсташро аз чармгарӣ меёбӣ (мебинӣ)** аз несту нобуд шуданаш дарак ҳам намеёбӣ; тамоман несту нобуд мешавад; **пӯст давид** *бар чизе* пӯст пӯшондан, пӯст гирифтан рӯи чизео;

ташвиш шудани касе.

**ПӮСТИНДӮЗ** پوستين دوز он ки пӯстин медӯзад, он ки касбаш пӯстиндӯзист.

барҳам задан; зарари калон расонидан;

**пӯст кандан** а) пӯсти чизеро ҷудо карда гирифтан; б) сахт азоб додан, сахт ҷазо додан; **пӯст партофтан** а) пӯст равондан, аз пӯст берун шудан, *мас.,* мор; б) *маҷ.* шарманда шудан; **пӯстро аз мағз шинохтан** бадунекро фарқ кардан, дӯсту душманро фарқ кардан; **пӯсту гӯшташ аз шумову устухонаш аз мо** *кӯҳн.* дар вақти ба дасти мактабдор барои таълиму касбомӯзӣ додани бача аз тарафи падару модарон гуфта мешавад; **пӯсту устухон будан** ниҳоят харобу лоғар будан; **ба (дар) пӯсти худ нағунҷидан** ниҳоят хурсанд шудан, хеле болидан; **ба пӯсту гӯшти** *касе* **даромадан** ба касе хеле наздик шуда боварии ӯро ҳосил кардан; **мағзу пӯст будан** ба касе ниҳоят қарин ва дӯсти наздик будан.

**ПӮСТАК** پوستک пӯсти ҳайвонот, ки ҳамчун палос ё курпача истифода мебаранд; ◊ **пӯстак ба рӯй кашидан** берӯӣ кардан, шарму ҳаёро як сӯ гузоштан.

**ПӮСТАКЧА** پوستکچه *шакли тасғири* **пӯстак**.

**ПӮСТҒАФС** پوستغفس 1. он чи пӯсти ғафс дорад: **тарбузи пӯстғафс**. 2. беору номус, бешарм, гарданғафс, гӯшношунав.

**ПӮСТДУНБА** پوست دنبه пӯсти дунбаи гӯсфанд, ки пашмашро равонда мепазанд.

**ПӮСТӢ** پوستی *мансуб ба* **пӯст**; *ниг.* **пӯстин**.

**ПӮСТИН** پوستین либоси болопӯши гарм, ки аз пӯсти пашмдори ҳайвонот дӯхта мешавад; **пӯстинро чапа пӯшидан** а) дар қаҳру ғазаб будан, ба касе ситеза кардан; б) якраҳагӣ кардан; **ба пӯстини** *касе* **кайк даромадан** бесаранҷом шудани касе, безобита ва дар

**ПӮСТИНДӮЗӢ** پوستین دوزی шуғли пӯстиндӯз; пӯстин дӯхтан: **корхонаи пӯстиндӯзӣ**.

**ПӮСТИНПӮШ** پوستین پوش он ки пӯстин пушидааст:**мардаки пӯстинпӯш.**

**ПӮСТИНЧА** پوستین چه пӯстини хурди кӯтоҳ: **пӯстинчаи беостин**.

**ПӮСТКАНДА** پوست کنده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **пӯст кандан**; пӯсташ кандашуда: **гӯсфанди пӯсткanда.** 2. сухани кушоду равшан дар бораи айби касе ё муддаои худ; **пӯсткандаи гап ҳамин ки**... гапи кушоду равшан ҳамин ки...

**ПӮСТКАНӢ** پوستکنی 1. пӯсти ҳайвонеро кандан. 2. пӯсти чизеро гирифтан (тоза кардан).

**ПӮСТЛАХТ** پوستلخت пораи пӯст, пӯстпора, порчаҳои алоҳидаи пӯст, лахти пӯст.

**ПУСТЛОҚ** پوستلاق он чи рӯи танаю шохаи дарахтро пушонидааст; пӯсти рӯи тана ва шохаи дарахт.

**ПӮСТЛОҚХӮР** پوستلاقخور *зоол.* пӯстхурак (кирм).

**ПӮСТЛОХ** پوستلاخ *ниг.* **пӯстлоқ**.

**ПӮСТМОЛ** پوستمال пӯсткан (шудан), пӯстравӣ, пӯстфуроӣ: **дасташ пӯстмол шуд**, **пӯстмол кардан** пӯсташро равондан; **пӯстмол рафтан** пӯсташ рафтан.

**ПӮСТНАВИШТ** پوستنوشت навиштаҳои рӯи пӯст.

**ПӮСТПАРДА** پوستپرده *биол.* пардаи пӯст(-и одам, растанӣ *ва г.).*

**ПӮСТПАРТО** پوستپرتا пӯстпартофта, тулаккарда, мӯйрехта; паррехта.

**ПӮСТПАРТОӢ** پوستپرتائی пӯст партофтан(-и ҳашарот ва хазандаҳо).

**ПӮСТПАРТОФТА** پوستپرتافته *сифати феълии замони гузашта аз* **пӯст партофтан.**

**ПӮСТПОРА** پوستپاره *ниг.* **пӯстлох**.

**ПӮСТСАФЕД** پوست سفید пӯсташ сафед, сафедпӯст.

**ПӮЧОҚ** پوچاق пӯсти мева ва баъзе сабзавоти обчакорӣ ва инчунин тухм: **пӯчоқи писта**, **пӯчоқи тухм**, **пӯчоқи харбуза**, **тарбуз** *ва г.*

**пӯш** پوش 1. *асоси замони ҳозира аз феъли* **пӯшидан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* пӯшанда: **дастпӯш**, **болопӯш**, **калапӯш**.

**ПӮШ** پوش худнамоӣ, карруфар.

**ПӮШИДА** پوشیده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **пӯшидан**. 2. пинҳон, нуҳуфта, махфӣ, махфиёна; **пӯшида мабод, ки...** махфӣ намонад, ки...; **пӯшида нест**, **ки...** махфӣ ва пинҳон нест, ки..., равшан аст, ки...; **пушида мондан** махфӣ мондан, ниҳон мондан. 3. пӯшидагӣ, аз боло фарогирифта; *муқоб* **кушода**; **долони болояш пӯшида**. 4. баста, маҳкам; *муқоб.* **боз, кушода; дари пӯшида, чашми пӯшида**. 5. баста; анҷомёфта: **маҷлисро пӯшида эълон кардан**.

**ПӮШИДАГӢ** پوشیدگی 1. *шакли дигари сифати феълии замони гузашта аз* **пӯшида**. 2. баста, маҳкам: **дари пӯшида**. 3. фаро гирифташуда, пинҳоншуда: **рӯи бо риш пӯшидагӣ**. 4. либоспӯш: **бачагони сару либос пӯшидагӣ.**

**ПӮШИДАН** پوشیدن 1. дар бар кардан, ба тан кардан (либосро): **либос пӯшидан**. 2. пинҳон кардан, руст кардан; махфӣ кардан. 3. бастан, маҳкам кардан: **дарро пӯшидан, даҳонро пӯшидан, чашм пӯшидан, парда пӯшидан.** 4. фаро гирифтан, иҳота кардан (*аз тарафи боло*). 5. фуровардан, партофтан, кашидан (*пардаеро ба рӯи чизе*); **аз дунё (ҷаҳон) чашм пӯшидан** вафот кардан, тарки ҳаёт кардан; **даҳон пӯшидан** хомӯш шудан, аз гуфтор боз истодан; **чашм пӯшидан** *аз чизе* эътибор надодан ба чизе; надидагӣ барин шудан чизеро, сарфи назар кардан аз чизе; **ҷомаро чаппа пӯшидан** дар қаҳру ғазаб шудан, ба гапи касе ҳеҷ розӣ нашудан, дар гуфтаи худ исрор кардан.

**ПӮШИДАНӢ** پوشیدنی *сифати феълии замони оянда аз* **пӯшидан**; лоиқи пӯшидан ва ба тан кардан: **либоси пӯшиданӣ**.

**ПӮШИДАРОЗ** پوشیده‌راز розпӯш, роздор, сирдон.

**ПӮШИДАРОЗӢ** پوشیده‌رازی розпӯшӣ, сиреро пинҳон доштан.

**ПӮШИДАРУХ** پوشیده‌رخ *кит.* 1. рӯйпӯшида, мастур. 2. ниҳон, махфӣ. 3. *маҷ.* маҳҷуба, ҳиҷобнок.

**ПӮШИДАЧАШМ** پوشیده‌چشم нобино, кӯр, бебасират.

**ПӮШИДАҲОЛ** پوشیده‌حال он ки ҳолаш аз дигарон пӯшида аст, вазъияташ ба касе маълум нест.

**ПӮШИДАРӮЙ** پوشیده‌روی рӯяш пӯшида, рӯяш аз мардони бегона пинҳон кардашуда, бофаранҷӣ.

**ПӮШИШ** پوشش *кит.* 1. пӯшок, либос, рахт. 2. болопӯш; сақф, бом. 3. парда, рӯйпӯш.

**ПӮШОК** پوشاک либос, пӯшиш, рахт; либосворӣ; **пӯшок пӯшидан** либос пӯшидан.

**ПӮШОКВОРӢ** پوشاکواری матоъ барои либосдӯзӣ, чизҳои барои либос сарфшаванда, либосворӣ; пӯшокворӣ.

**ПӮШОКӢ** پوشاکی *мансуб ба* **пӯшок**; либосҳои пӯшиданӣ, либосворӣ; пӯшокворӣ: **чизҳои хӯрокӣ ва пӯшокӣ**, **пӯшокӣ харидан.**

**ПӮШОН(И)ДАН** پوشاندن//پوشانیدن 1. *шакли бавоситаи* **пӯшидан;** бар тан кунонидан, дар бар кунонидан (*либосро бар касе*); **ба гап ҷома пӯшонидан** гапро оро додан, зеб дода сухан кардан. 2. панаҳ кардан, руст кардан, пардапӯш кардан: **бо рӯймолаш рӯяшро пӯшонд.** 3. пӯшида доштан, ниҳон доштан, махфӣ кардан; **болои кори** *касеро* **пӯшондан** кори касеро пинҳон доштан, сирри касеро ошкор накардан. 4. фаро гирифтан, бо чизе фаро гирифтан, болои чизеро ба чизе паҳн карда печонидан.

**ПӮШТАХОНА** پوشته‌خانه *ниг.* **почтахона**.

**ПӮЯ** پویه *кит.* 1. дав, тохт, рафти тезу тунд, гашти босуръат; **асп ба пӯя фикандан** асп давондан, асп тохтан, асп рондан. 2. хоҳиш, ҳавас, орзу, иштиёқ, ирода, оҳанг.

**ПӮЯНДА** پوینده *кит.* 1. даванда, бо суръат раванда, тезрафтор. 2. аспи тезрафтор; **пӯянда боло** аспи даванда. 3. ҷӯянда, ҷӯёи чизе.

**ПӮЯНДАРОҲ** پوینده‌راه роҳнаварди, тезрав.

# Р

**Р** *ҳарфи бисту якуми алифбои ҳозираи тоҷикӣ; дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ ҳарфи* ре (ر); *дар ҳисоби абҷад ба адади 200 баробар аст.*

**РАБ(Б)** *а.* رب 1. Худованд, Худо, Парвардигор; **ё раб!** эй Худо!. 2. соҳиб, молик.

**РАБАЗ** *а.* ربض 1. девор, ҳисори гирди шаҳр, гирдогирди ҳисори шаҳр, девори баланди гирди қалъа ё шаҳр. 2. қисми берунии шаҳрҳои қадимӣ.

**РАББАНО** *а.* ربّنا *гуфт.* холӣ, одӣ; **оби раббано** оби холӣ.

**РАББӢ** *а.* ربّی Худои ман.

**РАББОНӢ** *а.* ربانی 1. *мансуб ба* Худо, Эзид, Худоӣ, Яздонӣ. 2. худошинос.

**РАБВ I//РАБВА** *а.* ربو//ربوه *кит.* пушта, теппа, баландӣ.

**РАБВ II** ربو *тиб.* яке аз бемориҳои шуш, ки мубталои он зуд-зуд нафас мекашад: кӯтоҳнафасӣ, зиқуннафас.

**РАБЕӢ** ربیعی *мансуб ба* **баҳор**.

**РАБЕУЛАВВАЛ** *а.* ربیع‌الاوّل моҳи сеюми соли қамарӣ, пас аз сафар.

**РАБЕУЛОХИР** *а.* ربیع‌الآخر *ниг.* **рабеуссонӣ**.

**РАБЕУССОНӢ** *а.* ربیع‌الثّانی моҳи чаҳоруми солшумории қамарӣ.

**РАБЕЪ** *а.* ربیع баҳор, баҳорон.

**РАБИБ** *а.* ربیب *кит.* 1. парварда, дастпарвард; нону намакхӯрда. 2. писари зан аз шавҳари собиқ, писарандар.

**РАБИБА** *а.* ربیبه 1. *муаннаси* **рабиб**. 2. духтаре, ки зан аз шавҳари собиқ овардааст, духтарандар. 3. доя, парастори кӯдакон.

**РАБОИДАН** ربائیدن *шакли бавоситаи* **рабудан**.

**РАБОИШ** ربایش 1. рабудан. 2. *маҷ.* ҷозиба, ҷазобият.

**РАБОТ** *а.* رباط 1. мусофирхонае, ки дар сари роҳҳои корвонгард бино карда мешуд. 2. ҳавлии деворбаланд дар боғот; ◊ **работи тан** *киноя аз* вуҷуди инсон, ҳастӣ.

**РАБОТБОН** رباطبان *кит.* нигаҳбони работ, соҳиби корвонсарой, корвоннигаҳдор.

**РАБОТӢ** رباتی *кит.*, *мансуб ба* **работ**; работбон.

**РАБОҲ** *а.* رباح *кит.* фоида, суд, манфиат.

**РАБОЯНДА** رباینده он ки чизеро бирабояд ва соҳиб шавад; сориқ, дузд.

**РАБОЯНДАГӢ** ربایندگی вазъ ва ҳолати рабоянда, кашиш, ҷозиба, ҷазаба, ҷазбандагӣ.

**РАБТ** *а.* ربط бастагӣ, пайвастагӣ, алоқа; **рабт доштан**; алоқа, робита доштан; *маҷ.* иттилоъ, огоҳӣ…; **рабт додан** марбут кардан, пайванд додан, нисбат додан; **рабт доштан**; марбут будан, иртибот доштан.

**РАБУБӢ** *а.* ربوبی *кит. мансуб* ба **раб(б)**, худоӣ, илоҳӣ, рабонӣ.

**РАБУДА** ربوده дуздида, бурда.

**РАБУДАГӢ** ربودگی дуздида, сирқатшуда, ғорат;

*мач.* дилбарӣ.

**РАБУДАН** ربودن чизеро бо чобукдастӣ гирифта бурдан, чанг зада гирифтан, дуздидан, бурдан; **дил рабудан** *мач.* дили касеро ба худ чалб кардан, касеро ба худ шефтаву ошиқ гардонидан; **хоб рабудан** хоб бурдан.

**РАБУН** ربون *кит.* пуле, ки пеш аз кор ба коргар дода мешавад; пешмузд, пешпардохт, байъона.

**РАБУННОС** *а.* ربّ النّاس Парвардигори мардум, Худованд, Яздон.

**РАБУХА** ربوخه *кит.* лаззат, лаззати чимоъ, авчи лаззати чинсӣ.

**РАБЪ** *а.* ربع *кит.* манзил, манзилгоҳ, сарой; маҳалла, кӯй.

**рав** رو 1. *асоси замони ҳозира аз* **рафтан**; **резу рав** майда-чуйда. 2. *чузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* раванда, чой ва маҳалли рафтан, шабрав, миёнарав, тезрав, сабукрав, обрав, мошинрав, пиёдарав.

**РАВАН** رون *кит.* имтиҳон, озмоиш, тачриба.

**РАВАНД** روند *нав.* тамоюл фароянд, равиш, тариқа.

**РАВАНДА** رونده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **рафтан**. 2. он ки роҳ меравад, он ки равона аст, сафаркунанда, мусофир, роҳгузар; **равандаву роҳгузар** роҳгузарон. 3. *мач.* қаландар, дарвеш. 4 тезравӣ, тундравӣ.

**РАВАНДАНИШИН** رونده‌نشین мусофирсавор.

**РАВВОҚ** *а.* روّاق *кит.* пок, тоза, зулол, соф, холис (*об*, *шароб*).

**РАВҒАН** روغن моддаи чарб, ки аз шир, дунба ё чарбуи чорпоён, аз донаҳои наботӣ ё аз маҳсулоти нафтӣ гирифта мешавад; **равғани ароба** пасмондаи моддаҳои нафт, ки барои молидан ба чархи аробаҳо ба кор мерафт; **равғани доғ** равғани сахт тафсида, равғани чӯшида истода; **равғани дунба** равғане, ки дар дунбаи гӯсфанд мавчуд аст; **равғани зард** равғане, ки аз шири гов гирифта мешавад; **равғани зағир** равғани хӯрокие, ки аз зағирдона кашида шудааст; **равғани зайтун** равғане, ки аз меваи дарахти зайтун гирифта мешавад; **равғани карт** равғани дунбаи обнакардаи бешалҳа ва бегӯшт; **равғани лампа** карасин; **равғани маска** равғани аз шири гов гирифташудаи бенамак; **равғани пахта** равғане, ки аз пунбадона гирифта мешавад; **равғани сафед** *ниг.* **равғани пахта**; **равғани сиёҳ** мазут, моддаи сӯзандае, ки баъди аз нафт кашида гирифтани бензин, газолин ва карасин боқӣ мемонад; **равғани чароғ** *ниг.* **равғани лампа**; **равған кардан** равған молидан, равған задан ба мошин *ва г.*; **равған кардан (гулӯи** *касеро*) ба касе пора додан ё касеро зиёфат кардан бо мақсади анчом додани кори худ; **равған кашидан** аз шир ба воситаи гуппӣ ё мошин, аз донаҳои наботӣ ба воситаи чувоз ва дастгоҳҳои мошинӣ равған ҳосил кардан; **ба равған ғӯтидани нони** *касе* дар равнақу ривоч будани кори касе ба оташ; **равған рехтан** гапе зада ё коре карда, чанчоли хобидаро аз нав хезондан ё башиддаттар гардонидан; **равған сӯхтан**; ◊ **аз санг равған тарошидан** ичро кардани корҳои душвори ношуданӣ.

**РАВҒАНАНДОЗ** روغن‌انداز он ки ба мошин равған пур мекунад, пуркунандаи равған.

**РАВҒАНБАРОРӢ** روغن‌براری гирифтани равған, ҳосил кардани равған: **корхонаи равғанбарорӣ**.

**РАВҒАНГАР** روغن‌گر он ки дар чувозхона равған мекашад, ассор.

**РАВҒАНГАРӢ** روغن‌گری кашидани равған, истеҳсоли равған, тавлиди равған.

**РАВҒАНГИРӢ** روغن‌گیری истеҳсол кардани равған, гирифтани равған.

**РАВҒАНГУЛӢ** روغن‌گلی :**атри равғангулӣ** навъи атр.

**РАВҒАНДОҒ** روغن‌داغ равғани доғ, равғани доғшуда, равғани тафсон (*ки маъмулан аз болои баъзе навъи хӯрок, аз чумла қурутоб мерезанд*).

**РАВҒАНДОН** روغن‌دان зарф барои андохтани (пур кардани) равған, зарфи равғангирӣ.

**РАВҒАНДОР** روغن‌دار дорои равған, он чи дар таркибаш ва ё ба дарунаш равған дорад; ◊ **кори равғандор** кори сердаромад.

**РАВҒАНЗАБОНӢ** روغن‌زبانی чарбзабонӣ, нармгуфторӣ, хушгапӣ, хушомадгӯӣ; ◊ **бо равғанзабонӣ мум (бар)афрӯхтан** суханҳои мулоим

ва форам гуфтан, ширинзабонӣ ба кор бурдан.

**РАВҒАНЗАДА** روغن‌زده он чи бо равған молида шудааст.

**РАВҒАНИН** روغنين 1. равғанӣ, равғандор, серравған. 2. равғанолуд. 3. *мač*. сердаромад.

**РАВҒАНӢ** روغنى серравған, равғандор, бо равған сириштташуда; **ҳалвои равғанӣ** яке аз навъҳои марғуби ҳалво; **кори равғанӣ** кори сердаромад; **овози равғанӣ** овози расои форам, овози ғулғуладор.

**РАВҒАНКАДУ** روغن‌كدو кадуи дарунхолӣ барои нигоҳ доштани равған.

**РАВҒАНКАШ** روغن‌كش он ки равған мекашад.

**РАВҒАНКАШӢ** روغن‌كشى гирифтани равған аз донаҳои наботӣ.

**РАВҒАНКОРӢ** روغن‌كارى бо равғани махсус андудани мошин ва таҷҳизот, равғанмолӣ: **маводи сӯхту равғанкорӣ**.

**РАВҒАНМОЛӢ** روغن‌مالى молидани равған ба чизе, чарб кардани чизе.

**РАВҒАНМОНАНД** روغن‌مانند монанди равған будан, чарбмонанд.

**РАВҒАНМОҲӢ** روغن‌ماهى як навъ моҳии серравған.

**РАВҒАННОКӢ** روغن‌ناكى дарачаи равғандорӣ (*мас*., *шир*): **равғаннокии шир**.

**РАВҒАНОЛУД** روغن‌آلود олуда бо равған, бо равған омехта будан.

**РАВҒАНРЕЗӢ** روغن‌ريزى *исми амал аз* **равған рехтан**: **ба муҳаррики мошин равған рехтан**.

**РАВҒАНСӮЗӢ** روغن‌سوزى амали сӯхтани равған; пок кардани баъзе зарфҳо ва таҷҳизоти техникӣ ба воситаи сӯзондани равған.

**РАВҒАНФУРӮШ** روغن‌فروش фурӯшандаи равған, он ки равған фурӯшад.

**РАВҒАНФУРӮШӢ** روغن‌فروشى касбу кори равғанфурӯш; ҷои фурӯши равған.

**РАВҒАНХОНА** روغن‌خانه :**равғанхонаи чувоз** ҷои косамонанде, ки равғани кашида дар онҷо ҷамъ меояд.

**РАВҒАНХӮР** روغن‌خور 1. хӯранда ва истеъмолкунандаи равған. 2. *тех*. даҳана ва ҷои рехтани равған ба муҳаррики мошин ва таҷҳизоти техникӣ.

**РАВҒАНХӮРДА** روغن‌خورده он чи равған молида бошад; **хумчаи равғанхӯрда** хумчае, ки дар он муддати зиёд равған нигоҳ доштаанд.

**РАВҒАНҶАЛЛОБ** روغن‌جلّاب он ки равғанро арзон харида, қимат мефурӯшад, савдогари равған.

**РАВҒАНШОР** روغن‌شار :**ангуштони равғаншор** ангуштоне, ки вақти хӯрдани ош аз онҳо равған мечакад.

**РАВЗА** *а*. روضه 1. боғ, гулзор; **равзаи ризвон** *д*. ҷаннат, боғи биҳишт. 2. он чи дар маросими сӯгвории аҳли хонаводаи пайғамбар (с), бахусус дар маросими сӯгвории шаҳидони Карбало хонда мешавад. 3. *маҷ*. маҷлис ва ё маросиме, ки ба ин муносибат барпо мешавад. 4. *маҷ*. мақбараи одамони бузург.

**РАВЗАГОҲ** روضه‌گاه *кит*. 1. боғ, сабзазор, марғзор, гулистон. 2. биҳишт. 3. *маҷ*. мақбара, қабр, гӯр, марқад.

**РАВЗАН//РАВЗАНА** روزن//روزنه ҷои сӯрох ва ҳаводаро дар сақф ва девори хона, дарича, тирезача: **равзани бом**, **равзани гулхан**.

**РАВЗАРАНГ** روضه‌رنگ сабзаранг, кабуд.

**РАВИШ** روش *исми феълӣ аз* **рафтан**; рафтор, тарзи рафтор, тарз, ҷараёни коре, расм; **роҳу равиш** рафти (ҷараёни) коре, тариқа, тарз, усул.

**РАВИШОМӮЗ** روش‌آموز *нав*. он ки роҳу равиш меомӯзад.

**РАВИШОМӮЗӢ** روش‌آموزى *нав*. шуғлу амали равишомӯз.

**РАВИЯ** رويه 1. тарз, вазъ, роҳ. 2. усул, равиш.

**РАВӢ** *а*. روى 1. *кит*. абри серборон. 2. оби фаровону ширин. 3. соқӣ. 4. *адш*. ҳарфи охирини решагии калима, ки дар қофия нигоҳ доштани он ҳатмист.

**РАВНАҚ** *а*. رونق 1. фурӯғ, тобиш, тароват. 2. пешрафт, тараққӣ, ривоҷ; **равнақ доштан** дар тараққӣ ва пешрафт будан; **равнақ ёфтан** тараққӣ кардан, пеш рафтан, дар авҷ будан; **аз равнақ афтодан** ривоҷ надоштан, аз пеш-

рафт бозмондан.

**РАВНАҚАНГЕЗ** رونق‌انگیز равнақбахш, дурахшу зебоидиҳанда; пешбаранда.

**РАВНАҚГАРӢ** رونق‌گری *кит.* 1. ҷилодиҳӣ; фурӯғ, тобиш, дурахш. 2. инкишофдиҳӣ, дорои қобилияти равнақгарой.

**РАВО** روا ҷоиз, коре, ки карданаш аз рӯи қонун мумкин аст; **раво будан** ҷоиз будан; ◊ **зарур бошад раво бошад; раво будани ҳукм** ҷорӣ будани ҳукм, эътибор доштан (*ҳукми касе дар ҷое*); **раво дидан** ҷоиз донистан, муносиб шумурдан, сазовор донистан, мувофиқ донистан; **раво доштан** лоиқ ва ҷоиз донистан, роҳ додан, розӣ шудан ба вуқӯи коре; **раво кардани ҳоҷати** *касе* матлаби (хоҳиши) касеро ба амал овардан; **раво шудан** амалӣ шудан, ба амал омадан.

**РАВОБИН** روا بین он ки раво мебинад, он ки лоиқ медонад, он ки мувофиқ мешуморад.

**РАВОБИТ** روابط *ҷ.* **робита**; робитаҳо.

**РАВОДИД** روادید иҷозати расмие, ки дар шиносномаи хориҷӣ барои ворид шудан ба кишваре ё хориҷ шудан аз он қайд мешавад, иҷозатномаи хуруҷу вуруд; он чи лоиқ ва ҷоиз дониста шудааст, маслиҳат.

**РАВОЕҲ** *а.* روایح *ҷ.* **роиҳа**.

**РАВОКОМ** رواکام он ки ба муродаш расидааст; одами некбахт, комёб, комраво.

**РАВОҚ** *а.* رواق 1. пешайвон, даромадгоҳе, ки ба шакли нимдоира сохта шудааст, арк. 2. гунбаз, гунбад.

**РАВОҚДОР** رواق‌دار дорои равоқ, пешайвондор, биное, ки аз тарафи пеш бо пештоқҳо зинат ёфтааст, гунбаздор.

**РАВОҚӢ** *а.* رواقی гунбаздор, гунбазшакл, ба шакли гунбаз монанд будан.

**РАВОН** I روان 1. *феъли ҳол аз* **рафтан**. 2. раванда, дар ҳоли рафтан, раҳсипор. 3. ҷорӣ; **оби равон**; **реги равон** реги кӯчанда; **ҳукми равон** ҳукми дар амал, ҳукми ҷорӣ. 4. салис, мавзун: **услуби равон**, **шеъри равон**; **равон будан** а) раҳсипор будан (*ба ҷое*); б) ҷорӣ будан; **равон кардан** а) фиристодан, ирсол намудан (*мактубро*); б) ҷорӣ сохтан; **равон шудан (гаштан)** а) раҳсипор гардидан, рӯ ба роҳ шудан, рафтан, ба роҳ афтодан (даромадан); в) ҷорӣ шудан (*об*).

**РАВОН** II روان ҷон, рӯҳ; **равон бахшидан** ҷон бахшидан; рӯҳбаланд гардонидан.

**РАВОНА** روانه роҳӣ, раванда, равон, раҳсипор; **равона кардан** а) фиристодан, ирсол кардан (*мас.*, *мактубро*); б) нигаронидан (*мас.*, *нигоҳи худро ба сӯе*); **равона шудан** (гардидан) раҳсипор гардидан, рафтан.

**РАВОНАК** روانک *нав.* қуттӣ ва ё бастае, ки ба воситаи почта равона карда мешавад.

**РАВОНАКУНАНДА** روانه‌کننده роҳикунанда, фиристанда, ирсолкунанда.

**РАВОНБАХШ** روان‌بخش ҷонбахш; рӯҳафзо.

**РАВОНБЕМОР** روان‌بیمار *нав.* он ки мубталои бемории равонист, бемори рӯҳӣ.

**РАВОНБЕМОРӢ** روان‌بیماری *нав.* бемории рӯҳӣ, бемории равонӣ.

**РАВОН(И)ДАН** رواندن//روانیدن 1. равон кардан. 2. чизеро аз рӯи чизе пок карда дур сохтан, нест кардан; аз ҳол равондан.

**РАВОНДАРМОНӢ** روان‌درمانی *тиб.* дармон ва табобати беморӣ бо роҳи муайян кардани хусусиятҳои равонӣ ва таъсири табобатӣ ба рӯҳияву равони онҳо.

**РАВОНӢ** I روانی *мансуб ба* **равон**; **бемории равонӣ** бемории рӯҳӣ.

**РАВОНӢ** II روانی 1. равон будан, ҷорӣ будан, ҷараён. 2. салосат, салисӣ, мавзунӣ.

**РАВОНОСО(Й)** روان‌آسا(ی) осоишдиҳандаи ҷон, роҳатбахш, оромбахш, рӯҳбахш, равонбахш.

**РАВОНПАРВАР** روان‌پرور нерӯдиҳандаи зеҳн, парваришдиҳандаи зеҳн, ҷонпарвар, зиндагибахш, фараҳовар, дилкушо.

**РАВОНПАРДОЗ** روان‌پرداز он ки ҷони худро фидои коре ё чизе мекунад, ҷонфидо.

**РАВОНПИЗИШК** روان‌پزشک пизишки бемориҳои рӯҳӣ (равонӣ).

**РАВОНПИЗИШКӢ** روان‌پزشکی *нав.* соҳаи илми тиб, ки ба ташхис ва дармони бемориҳои равонӣ машғул аст.

**РАВОНТАБЪ** روان‌طبع он ки фасеҳу салис шеър

мегӯяд, дорои табъи равон.

**РАВОНХОН** روان‌خوان он ки буррою равон мехонад.

**РАВОНХОНӢ** روان‌خوانی *мансуб ба* **равонхон**.

**РАВОНХОҲ** روان‌خواه *қҳн.* гадо, садақаталаб, соил, дарюзагар.

**РАВОНШИНОС** روان‌شناس *нав.* дорои тахассус ё таҷрибаи равоншиносӣ.

**РАВОНШИНОСӢ** روان‌شناسی *нав.* илм оид ба падидаҳо ва коркардҳои равонӣ ва муоличаи нобасомониҳои равонӣ.

**РАВОНШИНОХТӢ** روان‌شناختی *нав.* донишҳои марбут ба равоншиносӣ.

**РАВОНШОД** روان‌شاد шодравон (*нисбат ба шахси фавтида мегӯянд*).

**РАВОРАВ** رواروَ рафтуой, аснои рафтан, рафтагоршавӣ.

**РАВОРАВӢ** رواروی рафту омад, омаду рафт.

**РАВОҲ** *а.* رواح бегоҳӣ, шом, аввали шаб, шомгоҳ.

**РАВОҲИЛ** *а.* رواحل *ҷ.* **роҳила**.

**РАВУО//РАВУОЙ** رووآ//رووآی рафтуомад; **равуой кардан** бисёр рафтуомад кардан.

**РАВҲ** *а.* روح хушӣ, шодӣ, хурсандӣ, осоиш.

**РАВҲАНАТ** *а.* روحنت хубӣ, хуррамӣ, шодӣ, хурсандӣ.

**РАВШАН** روشن 1. ҷое, ки ба он нур тобидааст, мунаввар, тобон, дурахшон. 2. фурӯзон, афрӯхта; **чароғи равшан**. 3. возеҳ, ошкор. 4. соф, шаффоф, беғубор; **равшан будан** а) тобон (мунаввар, фурӯзон) будан; б) возеҳ (ошкору ҳувайдо) будан; **равшан кардан** а) мунаввар сохтан, даргирондан (*мас.*, *чарогро*); б) аниқ кардан, возеҳ баён кардан; **равшан шудан** мунаввар гардидан, рахшидан, тобон гардидан; **равшан шудани рӯз** дамидани субҳ, фаро расидани рӯшноӣ; ◊ **равшан шудани чашм** зоидан, бача таваллуд кардан; **чашматон равшан**! дар мавриди табрик ба муносибати рӯй додани хурсандие, аз ҷумла омадани азизи касе аз сафар гуфта мешавад.

**РАВШАНБАЁН** روشن‌بیان он ки навишта ва таҳрири возеҳу равшан дорад, возеҳбаён, дақиқбаён.

**РАВШАНБАСАР** روشن‌بصر доно, хирадманд, закӣ, зирак, тезфаҳм.

**РАВШАНБИН** روشن‌بین 1. он ки чизҳоро возеҳ мебинад. 2. *маҷ.* бино, доно, он ки дид ва фикри возеҳу равшан дорад.

**РАВШАНБИНӢ** روشن‌بینی назари тозаву фикри возеҳ доштан.

**РАВШАНГАР//РӮШАНГАР** روشنگر 1. афрӯзанда, тобонкунанда. 2. *маҷ.* сайқалдиҳанда, ҷилодиҳанда; равшанфикр, зиёӣ.

**РАВШАНГУҲАР** روشن‌گهر асилзода, поктинат, дорои зоти пок, боасолат.

**РАВШАНДИЛ** روشن دل покдил, доно, дилогоҳ, огоҳ, равшанзамир.

**РАВШАНДИЛӢ** روشن‌دلی равшанзамирӣ, доноӣ, огоҳӣ, дилогоҳӣ.

**РАВШАНЗАМИР** روشن‌ضمیر *ниг.* **равшандил**.

**РАВШАНИБАХШ** روشنی‌بخش мунавваркунанда, фурӯзанда, нурбахш, нурафзо.

**РАВШАНИДИҲАНДА** روشنی‌دهنده *ниг.* **равшанбахш**.

**РАВШАНИНОГУЗАР** روشنی‌ناگذر он чи равшаниро аз худ намегузаронад.

**РАВШАНӢ** روشنی рӯшноӣ, нур, фурӯғ; *муқ.* торикӣ, зулмат; **равшанӣ бахшидан** бо фурӯғи худ дурахшону тобон кардан; **равшанӣ додан** нур бахшидан, фурӯзон кардан; **равшанӣ пошидан** нур парокандан, тобидан.

**РАВШАНҚИЁС** روشن‌قیاس *кит.* бофаросат, дуруст муҳокимакунанда, соҳиби тадбири дуруст.

**РАВШАННАМОӢ** روشن‌نمائی **:муассисаҳои равшаннамоӣ** идораҳое, ки ба гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ ва паҳн кардани ғояҳои пешқадами илмию маърифатӣ дар байни омма машғуланд.

**РАВШАННАФАС** روشن‌نفس 1. покнафас. 2. *маҷ.* адолатпеша.

**РАВШАННИҲОД** روشن‌نهاد соҳиби сиришт ва табъи неку, покдил, хайрандеш, амин, равшантинат.

**РАВШАНОӢ** روشنایی *ниг.* **рӯшноӣ**.

**РАВШАНРАВОН** روشن‌روان он ки дорои дилу равони пок аст, поктинат, софдил.

**РАВШАНРАВОНӢ** روشن‌روانی поктинатӣ, доноӣ, ҳушёрӣ, софдилӣ.

**РАВШАНРОЙ** روشن‌رای он ки фикри дурусту равшан дорад; мутафаккир.

**РАВШАНТОБ** روشن‌تاب дурахшон, тобанда, тобон.

**РАВШАНФИКР** روشن‌فکر он ки вазъу андешаи возеҳу равшан дорад, покандеш.

**РАВШАНФИКРӢ** روشن‌فکری амалу ҳолати равшанфикр, равшанфикр будан.

**РАВШАНҶАБИН** روشن‌جبین 1. зебо, хушрӯ, кушодарӯй. 2. *маҷ.* хандонрӯ, хушхӯ.

**РАВШАНШАВӢ** روشن‌شوی равшан шудан, дурахшонӣ, тобандагӣ.

**РАГ** رگ 1. маҷрои лӯлашакле дар аъзои бадан, ки дар он хун ва лимфа ҷорист: **рагу пай**; **раги чизе** одате, хислате ба ҳаракат омадан ва таҳрик шудани яке аз хислатҳои табии инсон; **аз раги гардан наздиктар** дар мавриди хеле наздик будани чизе гуфта мешавад; **раги даст кашидан** рағбату хоҳиш надоштан (*ба иҷрои коре*); **раг задан** хун гирифтан аз раг ба воситаи амали махсус; **раги** *касеро* **ёфтан** аз нуқтаи заъфи касе пай бурдан, нуқтаи таъсирбахш ба чизеро ёфтан; **ба рагу пайи** *касе* **нохун задан** касеро ба ҳаяҷон овардан. 2. *маҷ.* аслу насаб: **рагу реша**. 3. *маҷ.* ғайрат, таассуб, нуқтаи заифи касе: **раги хоб**.

**РАГА** رگه риштаи кони маъдане, ки чун раг ба таги замин ҷой гирифтааст.

**РАГБАНД** رگبند ришта ва ё тасмае, ки бо он рагҳоро баста хунравиро боз медоранд.

**РАГБАНДӢ** رگبندی бастани раг.

**РАГДОР** رگدار дорои рагҳои барҷаста.

**РАГЗАН** رگزن он ки шуғлаш раг задан (хун гирифтан) аст, ҳаҷҷом, хунгир.

**РАГЗАНӢ** رگزنی раг задан, ҳаҷҷомӣ, хунгирӣ.

**РАГКАШ** رگ‌کش **:рагкаш шудан** дар натиҷаи изтиробу ҳаяҷони зиёд кашидани рагҳо.

**РАГКАШӢ** رگ‌کشی баногоҳ ба таври дардовар дарҳам кашида шудани рагҳо.

**РАГМОЛ** رگمال он ки рагҳои шахшудаи одам ва ҳайвонотро молида муолиҷа мекунад.

**РАГМОЛӢ** رگمالی амалу шуғли рагмол.

**РАГШИНОС** رگشناس мутахассиси соҳаи раг.

**РАГШИНОСӢ** رگشناسی амалу шуғли рагшинос; илме, ки рагҳоро меомӯзад.

**РАГУ** *фр.* رگو *хӯр.* як навъ хӯроки аврупоӣ.

**РАҒБАТ** *а.* رغبت майл, хоҳиш, кашиши дил ба чизе, орзу; **бо камоли рағбат** ба майл ва хоҳиши тамом; **рағбат кардан** майл намудан, моил будан.

**РАҒБАТАНГЕЗ** رغبت‌انگیز шавқовар, ҳавасовар, завқангез.

**РАҒБАТНОК** رغبتناک дорои шавқу рағбат, шавқу рағбат доштан.

**РАҒБАТНОКӢ** رغبتناکی ҳаваснокӣ, майл доштани чизе, шавқмандӣ.

**РАҒБАТОВАР** رغبت‌آور шавқовар, рағбатангез.

**РАҒЗА** رغزه матои дурушти дастӣ бофташудаи шол, ки аз он деҳқонон либоси корӣ медӯзанд.

**РАҒЗАБОФӢ** رغزه‌بافی бофтани рағза.

**РАҒИФ** *а.* رغیف курси нон, нони гирда.

**РАҒМ** *а.* رغم 1. ҳақиру хор нигаристан, ба назар нагирифтан. 2. *маҷ.* баръакс кардани коре, амал намудан бар хилофи майли касе; **ба (дар, бар) рағми**... бар хилофи хоҳиши..., бар зидди..., дар муқобили...

**РАД(Д)** I رد *кит.* бузург, хирадманд, мӯбад, рӯҳонии зардуштӣ. 2. *кит.* паҳлавон, далер.

**РАД(Д)** II *а.* رد напазируфтан, гардондан, қабул накардан; **радду бадал** гуфтугузори зидди якдигар, гуфтан ва шунидани ҷавоб, мубоҳиса, мунозира; **рад кардан (намудан)** а) напазируфтан, гардондан, қабул накардан; б) қай кардан; **рад шудан** гардонда шудан, қабул карда нашудан, дафъ карда шудан; **радду бадал шудан (пул)** аз як даст ба дасти каси дигар гузаштан; **радди маърака** аз маърака (*маросимҳои тӯй, азо ва ҷамъомадҳои дигари мардум*) рондашуда (*ба-*

*рои ягон рафтор ва кирдори носазои худ*); **ради маърака шудан (гардидан)** барои ягон рафтори ношоиста аз қатори ҷамъият хориҷ карда шудан. 2. *кит.* паҳлавон, далер.

**РАД(Д)** III رد нақши чизе дар замин, асар, пай; **радди по** паи по.

**РАДА** رده саф, қатор, раста (*одамҳо, дарахтҳо ва г.*).

**РАДАР** *англ.* ردر кӯтоҳшудаи radio delection and ranging (radar) – ёфтан ва муайян намудани масофа бо ёрии радио номи мухтасар ва кӯтоҳшудаи таҷҳизоти радиолокатсионӣ.

**РАДДИЯ** *а.* ردّیه эътирознома, ҳуҷҷати расмие, ки дар он хабаре ё даъвое рад ва такзиб мешавад, ботил кардани чизе ба тариқи эътироз.

**РАДИАТОР** *лот.* ردیتار асбоби махсуси хунуккунандаи об дар муҳаррикҳои дарунсӯз.

**РАДИАТСИОНӢ** ردیتسیانی *мансуб ба* **радиатсия**.

**РАДИАТСИЯ** *лот.* ردیتسیه афкандани нур, нурафшонии моддаҳои радиоктивӣ.

**РАДИЙ** *лот.* ردیی унсури химиявӣ, филизе, ки хосияти радиоактивӣ дорад.

**РАДИКУЛИТ** *лот.* ردکولیت навъи бемории торҳои асаби ҳароммағз, ки бо дарди сахти миён, тахтапушт, гардан зоҳир мегардад.

**РАДИО** ردیا *лот.* 1. ба воситаи мавҷ, бе сим ба масофаи дур фиристодан ва гирифтани овоз. 2. дастгоҳи гирандаи овоз аз масофаи дур.

**РАДИОАКТИВ** *лот.* ردیااکتیو *ниг.* **радиоактивӣ**.

**РАДИОАКТИВИЯТ** ردیااکتیویت аз ҳам пошхӯрии ҳастаҳои баъзе унсурҳои химиявӣ, ки қувваи шуодиҳии фаъол доранд.

**РАДИОАКТИВӢ** ردیااکتیوی аз ҳам пошида шудани ҳастаҳои баъзе унсурҳои химиявӣ бо қувваи шуои фаъол.

**РАДИОАЛОҚА** ردیاعلاقه алоқаи радиоӣ, иртиботи садоӣ, робитаи бесим.

**РАДИОГРАММА** *лот.* ردیاگرمّه хабаре, ки ба воситаи радиотелеграф дода шудааст.

**РАДИОГУЗАРОНӢ** ردیاگذرانی сохтани нуқтаҳои радиошунавонӣ.

**РАДИОӢ** ردیائی *мансуб ба* **радио**; ба воситаи радио, тавассути радио.

**РАДИОМАВҶ** ردیاموج мавҷҳои радио, мавҷҳои гунгогунбасомади радио.

**РАДИОСТАНСИЯ** *лот.* ردیاستنسیه марказ барои додан ва гирифтани садоҳо ва ишораҳои дигари радио.

**РАДИОСТУДИЯ** *лот.* ردیاستودیه маркази пахнкунандаи садоҳои радио.

**РАДИОТЕХНИК** *лот.* ردیاتخنیک мутахассиси техникаи радио.

**РАДИОТЕХНИКА** *лот.* ردیاتخنیکه техникаи соҳаи радио, таҷҳизоти радиоӣ.

**РАДИОХОНА** ردیاخانه марказ ва ё муассисае, ки дар байни аҳолӣ нуқтаҳои радио таъсис мекунад.

**РАДИОШУНАВОНӢ** ردیاشنوانی шуна–вонидан ба воситаи радио: **шабакаи радиошунавонӣ**.

**РАДИСТ** *лот.* ردیست мутахассиси додан ва гирифтани хабарҳо бо радио.

**РАДИУС** *лот.* ردیوس *риёз.* хатти росте, ки маркази доира ё кураро бо ҳар ду нуқтаи интиҳои он мепайвандад.

**РАДИФ** *а.* ردیف 1. саф, қатор, рада. 2. ду нафаре, ки паси ҳам ба як асп савор бошанд, паҳлӯи ҳам ё паси ҳам қарор гирифтан. 3. *адш.* калима ё ибора, ки дар охири ҳар байти шеър пас аз қофия такрор меёбад.

**РАДНАШАВАНДА** ردنشونده он чи қобили рад набошад, раднопазир.

**РАДНОПАЗИР** ردناپذیر раднашаванда, собитшуда, мувассақ.

**РАДОАТ** *а.* رداءت *кит.* бадӣ, пастсифатӣ, табоҳӣ.

**РАДОН** *лот.* ردان унсури химиявии радиоактив, ки дар техника ва тиб ба кор меравад.

**РАЁСАТ//РИЁСАТ** *а.* ریاست раисӣ, сардорӣ, садорат, мақоми болотарини идора дар муассиса, корхона, созмон, ҳизб *ва г.*, саридора; **раёсат кардан** сардор будан, идора кардан; **ҳайати раёсат** мақоми идоракунанда.

**РАЁҲИН** *а.* ریاحین *ҷ.* **райҳон**; испарғам, номи умумӣ барои гиёҳҳои хушбӯ.

**РАЖА** رژه 1. ресмон, танобе, ки бинокорон барои рост гирифтани девор ба кор мебаранд, ресмони шоқул. 2. торе, ки либоси шусташударо барои хушконидан меовезанд.

**РАЖД** رژد *кит.* бисёрхӯр, пурхӯр; ҳарис дар ҳама чиз.

**РАЗ** رز *кит.* ток; **духтари раз** *маҷ.* ангур.

**РАЗБОН** رزبان боғбон, боғбони токзор, нигоҳбони боғи ангур.

**РАЗЕЪ** *а.* رضیع *кит.* 1. ширхор. 2. ҳамшир.

**РАЗЗОҚ** *а.* رزّاق ризқдиҳанда, серкунанда, (*сифати Худо*).

**РАЗИДАН** رزیدن *кит.* ранг кардан, ранг задан.

**РАЗИЛ** *а.* رذیل паст, нокас, ноодам, фурӯмоя.

**РАЗИЛАТ** *а.* رذیلت пастӣ, нокасӣ, фурӯмоягӣ.

**РАЗИЛӢ** *а.* رذیلی пастӣ, нокасӣ, ноодамӣ, фурӯмоягӣ, пастфитратӣ.

**РАЗИЛОНА** رذیلانه ноодамона, нокасона, душманона.

**РАЗИН** *а.* رزین *кит.* маҳкам, устувор, матин, бовиқор.

**РАЗӢ** *а.* رضی *кит.* ризоманд, розӣ, мамнун, хушнуд.

**РАЗМ** رزم *кит.* 1. ҷанг, набард. 2. *гуфт.* вазн, оҳанг.

**РАЗМА** *а.* رزمه *кит.* бухча, баста, асбобу абзори дар бухча басташуда.

**РАЗМАНДА** رزمنده ҷанганда, ҷанговар, ҷангҷӯй, мубориз.

**РАЗМГАР** رزمگر ҷанговар.

**РАЗМГАҲ//РАЗМГОҲ** رزمگه//رزمگاه майдони ҷанг, набардгоҳ, нарбгоҳ.

**РАЗМДӮСТ** رزمدوست он ки толиби ҷанг аст, он ки аз ҷанг рӯ намегардонад.

**РАЗМИДАН** رزمیدن ҷангидан, ҳарб кардан, разм кардан, набард кардан.

**РАЗМӢ** رزمی *марбут ба* **разм**; ҷангҷӯ, ҷанганда, аҳли ҷангу пайкор.

**РАЗМОВАР** رزم‌آور ҷанговар, размanда.

**РАЗМҶӮ(Й)** رزمجو(ی) он ки толиби ҷангидан аст, хоҳони пайкор, ҷанговар.

**РАЗОЛАТ** *а.* رذالت пастӣ, фурӯмоягӣ, ноодамӣ, пасттинатӣ.

**РАЗОНАТ** *а.* رزانت устуворӣ, пойдорӣ, мустаҳкамӣ; виқор, вазнинӣ, оромӣ, оҳистагӣ.

**РАИЙЯ//РАИЙЯТ** *а.* رعیه//رعیت мардуми тобеи мамлакат, табаа, аҳолии фармонбардор, шаҳрванд.

**РАИС** *а.* رئیس 1. сардор, сарпараст ва идоракунандаи муассиса, корхона, созмон *ва г.* 2. *таър.* дар аморати Бухоро соҳибмансаби рӯҳоние, ки ба иҷрои қоидаю қонунҳои шариат назорат мекард; **раиси ҷамоа** раиси шӯрои деҳа ва ё деҳот.

**РАИСБОБ** رئیس‌باب он ки ба раисӣ мувофиқ ва муносиб аст; он чи ба раис муносиб аст.

**РАИСИКУНАНДА** رئیسی‌کننده он ки дар идора ё дар маҷлисе вазифаи сардориро ба ҷо меорад.

**РАИСӢ** رئیسی сардорӣ, ба ҷо овардани вазифаи раис; **раисӣ кардан** вазифаи раисии муассисаеро ба ҷо овардан ё маҷлисро идора кардан.

**РАИСХОНА** رئیس‌خانه *таър.* маҳкамаи раис дар аморатӣ Бухоро.

**РАИСШИНОС** رئیس‌شناس он ки бо раисон рафтуой ва шину хез мекунад, раисбоз.

**РАИЯТ** *а.* رعیت *ниг.* **раийя//раийят**; фуқаро, табаа; шаҳрвандӣ.

**РАИЯТӢ** رعیتی табааӣ, шаҳрвандӣ.

**РАИЯТНАВОЗ** رعیت‌نواز фуқаропарвар.

**РАИЯТНАВОЗӢ** رعیت‌نوازی фуқаропарварӣ.

**РАИЯТПАРВАР** رعیت‌پرور ғамхорикунанда нисбат ба фуқаро, фуқаропарвар.

**РАИЯТПАРВАРӢ** رعیت‌پروری мардумпарварӣ, фуқаропарварӣ.

**РАЙБ** *а.* ریب *кит.* дудилагӣ, шак, шубҳа.

**РАЙЁН** *а.* ریان сероб, пуроб, сабзу хуррам, тару тоза.

**РАЙҲОН** *а.* ریحان гиёҳе аз хонаводаи наъно, ки баргҳо ва шохаҳои муаттари он барои хӯрок истифода мешавад, испарғам, нозбӯй.

**РАЙҲОНӢ** ريحانى 1. бо ранги райҳон, сабзранг. 2. шароби сабзранги хушбӯй. 3. навъе аз навишти хатти арабӣ, ки одатан аввали калима ва сатрҳоро бо он менавиштанд.

**РАЙЪ** *а.* ريع афзунӣ, фаровонӣ, зиёдшавӣ (-и ҳосил, фоида *ва г.*).

**РАЙЪОН** *а.* ريعان 1. аввали ҳар чиз, оғози ҳар чиз. 2. қисми беҳтарини чизе; **райъони ҷавонӣ** давраи аввали ҷавонӣ, навҷавонӣ.

**РАКИК** *а.* ركيک 1. ҳақир, паст, забун. 2. суст, заиф. 3. зишт, дағал, қабеҳ.

**РАКИН** *а.* ركين *кит.* маҳкам, устувор, собит, барқарор; **рукни ракин** сутуни собиту устувор, пояи асосӣ; *маҷ.* шахси умда.

**РАКОКАТ** *а.* رکاکت *кит.* сустӣ, заъф.

**РАКУ(К)** (رکو(ک *кҳн.* порчаи кӯҳна, латта.

**РАКЪАТ** *а.* رکعت *д.* як бор рукӯъ кардан дар намоз; ҳар қисмат аз намоз, ки дорои рукӯъ ва суҷуди ҷудогона аст.

**РАҚАБА** *а.* رقبه *кит.* 1. гардан. 2. банда, ғулом. 3. замин ва мулке, ки бо касе то охири умр барои истифода дода мешуд.

**РАҚАМ** *а.* رقم 1. хат, навишта; **рақам задан (кардан)** навиштан, чизеро ба қалам овардан. 2. адад, шумора. 3. аломате, ки чандин ададро (шумораро) нишон медиҳад.

**РАҚАМГУЗОРӢ** رقمگذارى рақами тартибӣ гузоштан (*мас.*, *ба хонаҳо*).

**РАҚАМДОР** رقمدار дорои рақам, борақам.

**РАҚАМЗАН** رقمزن нависанда, китобаткунанда, котиб.

**РАҚАМӢ** رقمى ададӣ, шуморавӣ.

**РАҚИБ** *а.* رقيب 1. муборизабаранда ва мусобиқакунанда бо касе барои пеш гузаштан дар коре ё ба даст овардани чизе; ҳар яке аз ду шахсе, ки ба як чиз толиб бошанд. 2. ҳариф, душман.

**РАҚИҚ I** *а.* رقيق банда, ғулом, абд, мамлук.

**РАҚИҚ II** *а.* رقيق 1. нозук, маҳин, тунук; мулоим, нарм. 2. *маҷ.* меҳрубон, шафиқ, нармдил.

**РАҚИМ** *а.* رقيم *кит.* 1. рақамшуда, мактуб навишта. 2. номи ғоре, ки асҳоби Каҳф дар он паноҳ бурда буданд.

**РАҚҚОС** *а.* رقّاص 1. рақскунанда, бозингар. 2. *ниг.* **раққосак**.

**РАҚҚОСАК** *а.* رقّاصک овезае, ки гашти соатро ба назм медарорад.

**РАҚҚОСӢ** *а.* رقّاصى амал ва касби раққос, рақс, бозӣ, пойкӯбӣ.

**РАҚОБАТ** *а.* رقابت 1. рақибӣ кардан. 2. мубориза барои ба даст овардани фоидаи калон ё имтиёзҳо.

**РАҚОБАТДОР** رقابتدار *ниг.* **рақобатнок**.

**РАҚОБАТКУНАНДА** رقابتکننده *ниг.* **рақиб**; талошкунанда, мубориз.

**РАҚОБАТНОК** رقابتناک дорои рақобат, рақобатпазир, бораақобат.

**РАҚОБАТНОКӢ** رقابتناکى дорои рақобат будан, рақобатпазирӣ, рақобатнок будан.

**РАҚОБАТПАЗИР** رقابتپذير дорои тавоноии рақобат, қобили рақобат; **моли рақобатпазир**.

**РАҚОБАТНОПАЗИР** رقابتناپذير ғайри қобили рақобат: **моли ракобатнопазир**.

**РАҚОҚАТ** *а.* رقاقت тунукӣ, нозукӣ; нозукдилӣ, ҳассосӣ.

**РАҚС** *а.* رقص мувофиқи оҳанги мусиқӣ иҷро кардани ҳаракати мавзун, дастафшонию пойкӯбӣ, усул; **рақс кардан** мувофиқи оҳанг дастафшонию пойкӯбӣ кардан, рақсидан; **ба рақс овардан** ба усул даровардан, рақсонидан (*касеро*); **ба рақс омадан (даромадан)** рақсидан, ба рақс сар кардан.

**РАҚСИДАН** رقصيدن иҷро кардани ҳаракати мавзуни даст, по ва бадан мувофиқи оҳанги мусиқӣ ва суруд, пой куфтан, бозӣ кардан бо оҳанги мусиқӣ; **ба доираи** *касе* **рақсидан** *маҷ.* тобеи касе будан, бо нишондоди касе амал кардан.

**РАҚСОН** رقصان рақсанда, рақскунон, дар ҳоли рақсидан.

**РАҚСОН(И)ДАН** رقصاندن//رقصانيدن ба рақс овардан.

**РАМ I** رم тарс, гурез, ҳарос, тарсидаву ҳаросида гурехтан ё хӯсидан; **рам хӯрдан** гурехтан,

ҳаросида гурехтан (*аз чизе*), хӯсидан; **рам додан** тарсонидани ягон ҳайвон ва ё ягон ҷонваре монанди асп, оҳу *ва г.*

**РАМ** II رم *шакли кӯтоҳшудаи* **рама**.

**РАМА** رمه тӯда ва анбӯҳи чорпои хурд: **рамаи гӯсфандон**; **рама рондан** гӯсфандонро равона кардан (ба рафтан водоштан).

**РАМАБОН//РАМАВОН** رمه‌بان//رمه‌وان гӯсфандбон, чӯпони мол ва чорвои майда.

**РАМАД** *а.* رمد *тиб.* навъе аз дарди чашм, ки чашм сурх ва обрав мешавад.

**РАМАЗОН** *а.* رمضان моҳи нӯҳум аз солшумории қамарӣ; **моҳи рӯза** моҳи сиюм; **моҳи рамазонро дидан** дар осмон пайдошавии ҳилоли моҳи навро дидан, ки оғози моҳи рамазон, саршавии рӯзадорӣ мебошад.

**РАМАҚ** *а.* رمق тобу тавони охирин, нафаси вопасин; **рамақи** *касеро* **кашидан** (**гирифтан**) *маҷ.* тобу тавони ӯро гирифтан; **рамақ гирифтан** ҷон гирифтан: **рамақ ёфтан** рамақ гирифтан: **то рамақи охирин** то қувва ва тобу тавони вопасин, то дами нафаси охирин; **ҷон дар рамақ доштан** дорои тобу тавони охирин будан.

**РАМАЛ** *а.* رمل *адш.* яке аз нуздаҳ баҳри арӯз; **рамали мусамман** баҳри пурраи рамал, ки дар ду мисраи он «фоилотун» ҳашт бор такрор мешавад.

**РАМАНДА** رمنده он ки ё он чи аз чизе ва ё аз касе рам мехӯрад.

**РАМАНДАГӢ** رمندگی дурӣ ҷустан, канора гирифтан, рам хӯрдан.

**РАМАПО(Й)** (رمه‌پا(ی он ки рамаро посбонӣ мекунад, нигаҳбони рама, чӯпон, шӯбон.

**РАМА-РАМА** رمه‌رمه гала-гала, бисёр (*гов, гӯсфандон*), даста-даста, пода-пода.

**РАМАРОН** رمه‌ران он ки рамаро аз ҷое ба ҷое мебарад, чӯпон, шӯбон.

**РАМЕҲ** *а.* رمیح *кит.* найза, синон.

**РАМЗ** *а.* رمز 1. сухани маънояш пӯшида, фаҳмонидани матлабе бо ифодаи чашм, лаб, абрӯ *ва г.*; имо, ишора. 2. нишонаи махсусе, ки матлаберо мефаҳмонад.

**РАМЗАН** *а.* رمزاً ба сурати рамз, монанди рамз, рамзӣ, ба тариқи рамз.

**РАМЗГАР** رمزگر *ниг.* **рамзкушо**.

**РАМЗДОР** رمزدار дорои рамз, борамз.

**РАМЗӢ** رمزی рамзнок, бо рамзу ишора навишташуда.

**РАМЗКУШО** رمزکشا он ки маънии рамзро мефаҳмад ва мефаҳмонад; ҳалкунандаи масъалаҳои мушкил ва муаммову чистонҳо.

**РАМЗКУШОӢ** رمزکشایی маъникушоӣ, ошкор кардани рамз, кушодани рамз.

**РАМЗНАВИС** رمزنویس он ки бо рамзу аломати хос менависад, нависанда ва тартибдиҳандагони рамз.

**РАМЗНАВИСӢ** رمزنویسی амалу шуғли рамзнавис, навиштан ва тартиб додани рамз.

**РАМЗНОК** رمزناک дорои рамз, бо рамз навишташуда.

**РАМЗОМЕЗ** رمزآمیز рамзнок, бо рамз.

**РАМЗОШНО** رمزآشنا он ки ошно ба рамз ва имост, рамузфаҳм.

**РАМЗХОНӢ** رمزخوانی хондану дарк кардани рамз.

**РАМИДА** رمیده рам хӯрда, ҳаросон, тарсидаю гурехта, хӯсида; **дили рамида** дили ҳаросон, дили боваҳму ҳарос.

**РАМИДАН** رمیدن рам хӯрдан, ҳаросидан, тарсидану гурехтан, хӯсидан, эҳтироз кардан.

**РАМЛ** *а.* رمل 1. рег. 2. илме, ки гӯё ба воситаи он толеи касонро муайян мекунанд ва аз оянда хабар медиҳанд; **рамл андохтан** бо усули рамл фол дидан; ◊ **рамл задан** андохтани донаҳои рег ё мӯҳраҳои махсуси рамл ва пешгӯӣ кардани оянда.

**РАММОЛ** *а.* رمّال донандаи илми рамл, фолбинанда ба воситаи рамл, фолгир.

**РАММОЛӢ** *а.* رمّالی кор ва шуғли раммол, касби фолбинӣ.

**РАМОД** *а.* رماد *кит.* хокистар.

**РАМОНДАН** رماندن хӯсондан, рам додан, тарсондан, ба гурез водоштан.

**РАМОРАМ** رمارم *кит.* гуногун, аз ҳар гуна; паёпай, пайваст.

**РАМУЗ** *а.* رموز *ҷ.* **рамз**; рамзҳо, ишораҳо, асрор; **рамуз гирифтан** матлаби пӯшидаеро дарк кардан.

**РАМУЗФАҲМ** رموزفهم зирак, бофаросат, нуктафаҳм.

**РАМУЗФАҲМӢ** رموزفهمی зиракӣ, фаросат, нуктафаҳмӣ, маънифаҳмӣ.

**РАМХӮРДА** رمخورده рамида, хӯсида: **аспи рамхӯрда**.

**РАМҲ** رمح *кҳн.* найза, сипоҳ.

**РАНГ** I رنگ 1. намуди зоҳирии ҳар чиз, ки ба чашми бинанда сафед, сурх, сабз *ва г.* менамояд. 2. моддаҳои рангини маъданӣ, химиявӣ ва наботӣ, ки бо равған омехта барои тобиши дигар додан ба чизҳо мемоланд. 3. сиёҳӣ барои навиштан. 4. шакл, намуд; **ранги дигарро гирифтани хона** намуди дигарро гирифтани хона. 5. тарз, равиш; **ранг ба ранг** гуна-гуна, ба ҳар ранг, ба рангҳои гуногун, ҳар хел; **ба ранги**... мисли..., монанди...; **дигар ранг** дигар хел, ба тарзу шакли дигар; **як ранг** як тарз, як навъ, ба навъе; **рангу бӯ** тароват, обу тоб; **ранг-ранг** гуногунранг, гуногун, ҳар хел, навъ ба навъ; **рангу рӯ** ранг, вазъ, авзоъ; **ранг дигаргун шудан** тағйир ёфтан (*намуди зоҳирӣ*); **ранги дигар гирифтан** ба шакли дигар даромадан, тағйир ёфтан; **ранг кандан** дигар шудани ранги рӯи кас дар натиҷаи заъфи беморӣ, тарс ё хабари ногувори ногаҳонӣ; **ранг кардан** рӯи чизеро бо ранге пӯшондан, ранг задан, матоъ ё ресмонро ба воситаи моддаҳои табиӣ ё химиявӣ ба лавни дигар даровардан; **ранг надоштан** бе обу тоб будан, равнақ надоштан; **ранг овардан** ранги нав пайдо кардан; **ранг (аз рӯ) паридан** *ниг.* **ранг кандан**; **ранг бину ҳол пурс** (*зарб.*); ◊ **ранг зард кардан** эҳтиёҷманд шудан, мӯҳтоҷӣ кашидан.

**РАНГ** II رنگ *зоол., кит.* бузи кӯҳӣ.

**РАНГА** رنگه дорои рангҳои гуногун, рангдор, рангин; **филми ранга** филми гуногунранг (на сиёҳ-сафед).

**РАНГАНГЕЗӢ** رنگریزی 1. ба кор бурдани рангҳои гуногун. 2. *маҷ.* наққошӣ.

**РАНГБАРАНГ** رنگبرنگ рангоранг, гуногун.

**РАНГБАСТ** رنگبست ранги собит, ранге, ки зуд аз байн намеравад, ранги асили пойдор.

**РАНГБОХТА** رنگباخته паридаранг, камранг, рангпарида.

**РАНГВОР** رنگوار *марбут ба* **ранг**; ранг.

**РАНГВОРФУРӮШ** رنگوارفروش фурӯшандаи ранг.

**РАНГВОРФУРӮШӢ** رنگوارفروشی фурӯхтани рангҳои гуногун, фурӯши ранг.

**РАНГГАР** رنگگر рангкунанда, он ки чизеро ранг мекунад, рангрез.

**РАНГДИҲАНДА** رنگدهنده диҳандаи ранг, рангдеҳ.

**РАНГДИҲӢ** رنگدهی ранг додан, ранг кардан, обуранг кардани чизе.

**РАНГДОН** رنگدان сиёҳидон.

**РАНГДОР** رنگدار дорои ранг, рангин.

**РАНГЗАН** رنگزن 1. *ниг.* **рангмол**. 2. рассом, наққош.

**РАНГЗАНӢ** رنگزنی 1. *ниг.* **рангмолӣ**. 2. ранг кардан, рангкорӣ.

**РАНГЗАРД** رنگزرد он ки ранги чеҳрааш парида аст, заҳир, бетоб, бемадор.

**РАНГЗАРДӢ** رنگزردی 1. заҳирӣ, нотавонӣ, бетобӣ. 2. *маҷ.* эҳтиёҷмандӣ, хиҷолат.

**РАНГИН** رنگین дорои ранг, мулавван, ранг зада, ранг ба ранг; *маҷ.* сурх, гулгун, рангоранг; **хони рангин** хони пурнозу неъмат.

**РАНГИНАДОӢ** رنگین‌ادائی ишваву ноз ва карашмаҳои рангоранг, лаҳза ба лаҳза бо рангҳои дигар ҷилвагар шудан.

**РАНГИНБОЛ** رنیگبال боли рангин доштан, гуногунрангии бол.

**РАНГИНӢ** رنگینی рангорангӣ, ҳархелагӣ, ба тарзи гуногун; **ҳаётро бо рангиниҳояш тасвир кардан**.

**РАНГИНКАМОН** رنگین‌کمان камони ҳафтранге, ки аз таҷзияи нури Хуршед дар қатраҳои оби борон ва фаввораи об падид меояд, қавси кузаҳ, камони рустам, тирукамон.

**РАНГИНО//РАНГИНОН** رنگینا//رنگینان як навъ шафтолуи як тарафаш сурх ва як тарафи дигараш сафед.

**РАНГИНХАЁЛ** رنگین‌خیال шоир ва ё санъаткоре, ки доираи тасаввури эҷодии рангину васеъ дорад.

**РАНГИСТОН** رنگستان *кит.* нигористон, хонаи махсус барои намоиши нақшу нигораҳои гуногун.

**РАНГКАНДА** رنگ‌کنده паридаранг, заҳир, нотоб, бемор.

**РАНГКАНДАГӢ** رنگ‌کندگی рангпаридагӣ, рӯҳафтодагӣ, нотобӣ.

**РАНГКОР** رنگ‌کار 1. рангмол. 2. *кит.* ҳилагар, фиребгар.

**РАНГКУНӢ** رنگ‌کنی ранг кардан, рангу бор намудан.

**РАНГМОЛ** رنگ‌مال он ки шуғлу пешааш молидани ранг аст, шахси рангкунанда.

**РАНГМОЛӢ** رنگ‌مالی ранг молидан, ранг кардан.

**РАНГОВАР** رنگ‌آور *кит.* 1. он ки худро ҳар дам бо ранге нишон медиҳад. 2. фиребанда, фиребо.

**РАНГОМЕЗ** I رنگ‌آمیز 1. он ки рангҳоро бо ҳам меомезад. 2. наққош, рассом.

**РАНГОМЕЗ** II رنگ‌آمیز 1. рангомехта. 2. нақшкарда.

**РАНГОМЕЗӢ** رنگ‌آمیزی 1. омехтани рангҳо. 2. наққошӣ.

**РАНГОРАНГ** رنگارنگ 1. ба ҳар ранг, ҳарранга. 2. ҳархел, гуногун, навъ ба навъ.

**РАНГОРАНГӢ** رنگارنگی рангҳои гуногунро доро будан, алвон, мухталифӣ, гуногунӣ.

**РАНГПАР** رنگ‌پر чизе, ки рангаш зуд меравад.

**РАНГПАРИДА** رنگ‌پریده рангаш рафта, камранг, заҳир.

**РАНГПАРИДАГӢ** رنگ‌پریدگی камрангӣ, паридани ранг, рафтани ранг.

**РАНГПОШАК** رنگ‌پاشک дастгоҳи рангпошӣ.

**РАНГПӮШ** رنگ‌پوش *кит.* жандапӯш, дарвеш; **рангпӯши сафо** *киноя аз* дарвеш, қаландар.

**РАНГРАВ** رنگ رو *ниг.* **рангпар**.

**РАНГРАЗ** رنگ‌رز *кит.* рангрез, ранга, кабудгар.

**РАНГРАФТА** رنگ‌رفته рангпарида.

**РАНГРЕЗ** رنگ‌ریز он ки матоъ, нах ва монанди инҳоро ранг мекунад.

**РАНГРЕЗӢ** رنگ‌ریزی 1. амал ва шуғли рангрез. 2. ҷои ранг кардани матоъ, нах *ва г.,* коргоҳи рангрез, шуғли рангрез.

**РАНГРЕЗХОНА** رنگ‌ریزخانه ҷое, ки матоъҳоро рангу бор медиҳанд, ҷой ва мақоми рангрезӣ.

**РАНГСАНҶ** رنگ‌سنج он ки чигунагии рангро месанҷад.

**РАНГСОВ** رنگ‌ساو совандаи ранг, нармкунандаи ранг.

**РАНГСОЗ** رنگ‌ساز он ки ранг таҳия мекунад, созандаи ранг.

**РАНГСОЗӢ** رنگ‌سازی амал ва шуғли рангсоз, сохтан ва таҳияи ранг.

**РАНГУБОР** رنگ‌وبار ҳар гуна рангҳои хушк ва моеъ; **рангубор додан** ранг кардан, обуранг додан.

**РАНГУБОРДИҲӢ** رنگ‌وباردهی обуранг додани чизе, бо рангҳои гуногун ороиш додани чизе ё касе.

**РАНГУБОРФУРӮШ** رنگ‌وبارفروش он ки ранг мефурӯшад, фурӯшандаи рангубор.

**РАНГУБОРХОНА** رنگ‌وبارخانه коргоҳи рангрезӣ.

**РАНГЧАШМ** رنگ‌خشم *кит.* оҳучашм, он ки чашмаш ба чашми оҳу монанд аст.

**РАНГШИНОСӢ** رنگ‌شناسی шинохтани анвои ранг, илми шинохтани мувофиқати рангҳо.

**ранд** رند *асоси замони ҳозира аз* **рандидан**.

**РАНД** I *а.* رند дарахти мӯрд, дарахти ҳамешасабз, ки шираи он дар дорусозӣ истифода мешавад.

**РАНД** II رند 1. тарошаи чӯб, параха. 2. *ниг.* **ранда** I.

**РАНДА** I رنده афзори дуредгарон барои таро-

шида ҳамвор кардани тахта; **ранда кардан** тарошидан, тарошида ҳамвор кардан (*чӯбу тахтаро*).

**РАНДА** II رنده *кҳн., бот.* як навъ гиёҳи баҳорӣ, ки гӯсфанд аз хӯрдани он фарбеҳ мешавад.

**РАНДАГАР**رنده‌گر он ки бо ранда кор мекунад, рандакунанда.

**РАНДАГАРӢ** رنده‌گری бо ранда кор кардан, рандагир будан.

**РАНДАКОРӢ** رنده‌کاری ҳамвору сайқал додани чӯбу тахта, рандагирӣ.

**РАНДАКУНӢ** رنده‌کنی ранда кардан, ҳамвор кардани чӯбу тахта.

**РАНДИДАН** رندیدن 1. бо дастафзори махсус тарошида ҳамвор кардан, ранда кардан. 2. бо ноз хиромидан.

**РАНҶ** رنج 1. заҳмат, машаққат, азоб. 2. дард, озор. 3. меҳнат, кор; **ранҷ бурдан (дидан)** машаққат кашидан; **ранҷ кашидан** гирифтори азобу дард будан, дар азобу машаққат будан; **нобурда ранҷ, ганҷ муяссар намешавад** (*зарб.*).

**РАНҶА** رنجه ранҷур, азобдида, дар азоб; **қадам ранҷа кардан** омадан, лутфу меҳрубонӣ карда ба дидани касе омадан, ба худ ранҷ раво дида, ба ҷое рафтан.

**РАНҶБАР** رنجبر меҳнаткаш, коргар, он ки бо меҳнати сахту кори пурмашаққат зиндагиашро пеш мебарад, заҳматкаш, коргар.

**РАНҶБАРДОР** رنجبردار *кит.* 1. таҳаммулкунанда ва тоқаткунандаи ранҷу заҳмат, азоббардор. 2. ранҷбар.

**РАНҶБАРЗОДА** رنجبرزاده фарзанди коргар, он ки аз коргар таваллуд ёфтааст, авлоди коргар.

**РАНҶБАРӢ** رنجبری амали ранҷбар, коргарӣ, заҳматкашӣ.

**РАНҶБУРД** رنجبرد *кит.* 1. ҳосили заҳмат, он чи аз меҳнати касе ба даст меояд, дастранҷ. 2. ранҷ бурдан, заҳмат кашидан.

**РАНҶБУРДА** رنجبرده ранҷкашида, заҳматкашида, таҳаммулкунандаи сахтиву душвориҳо.

**РАНҶЗО** رنجزا *кит.* он чи ё он ки боиси пайдо шудани ранҷу азоб мешавад, мӯҷиби ранҷу андӯҳ, сабабгори ғаму андӯҳ.

**РАНҶДИДА** رنجدیده азобкашида, сахтикашида, касе, ки дар зиндагӣ сахтиҳо дидааст.

**РАНҶИДА** رنجیده озурда, дилтангшуда, дилгир; **ранҷида будан** озурдадил будан, ба ягон сабаб озурдагӣ доштан (аз касе).

**РАНҶИДАГӢ** رنجیدگی *гуфт.* 1. озурдахотирӣ. 2. он ки озурдахотирӣ дорад, ранҷида.

**РАНҶИДАН** رنجیدن озурда шудан, дилгир шудан, хафа шудан.

**РАНҶИДАХОТИР** رنجیده‌خاطر озурдадил, дилгир, хафа; **ранҷидахотир гаштан (шудан)** озурдадил шудан, хафа шудан, озурдахотир шудан.

**РАНҶИШ** رنجش озурдагӣ, дилтангӣ, хафагӣ; **ранҷиши хотир** озурдадилӣ, хафагӣ, малол; **ранҷиш доштан** озурдадил будан, малоли хотир доштан.

**РАНҶИШОМЕЗ** رنجش‌آمیز 1. тавъам бо ранҷиш. 2. озурдакунанда, малолатовар.

**РАНҶКАШ** رنج‌کش меҳнаткаш, заҳматкаш, ранҷдида, кордида.

**РАНҶМАНД** رنجمند *кит.* ранҷур, дардманд.

**РАНҶМАНДӢ** رنجمندی *кит.* ранҷурӣ.

**РАНҶОВАР** رنج‌آور он чи ранҷ эҷод мекунад, машаққат ва заҳматафзо.

**РАНҶОН(И)ДАН** رنجاندن//رنجانیدن ранҷ додан, озурдан, хафа кардан, боиси дилгирии касе шудан.

**РАНҶУР** رنجور 1. ранҷдида, машаққаткашида. 2. дардманд, бемор.

**РАНҶУРӢ** رنجوری беморӣ, дардмандӣ.

**РАОЁ** *а.* رعایا *ҷ.* **раийя(т)**; табаа, фуқаро.

**РАПСОДИЯ** *ю.* رپسادیه 1. *таър.* достон, ривоят (*дар Юнони қадим*). 2. *мус.* асари мусиқӣ, ки дар ҳавои суруду рақсҳои халқӣ офарида мешавад.

**РАСАД** I رسد он чи аз рӯи тақсим ба касе мерасад, ҳисса, саҳм, расама.

**РАСАД** II *а.* رصد мушоҳида, таҳти назар ва

мушоҳида қарор додани ситораҳо.

**РАСАДБАНД** رصدبند *кит.* касе, ки вазъияти сайёра, ситорагон ва паймоиши масофати онҳоро ҳисоб мекунад, мунаҷҷим, ситорашинос, ахтаршинос.

**РАСАДБАНДӢ** رصدبندی *кит.* муайян кардани вазъ ва ҳолати ситораҳо, ситорашиносӣ, мунаҷҷимӣ, ахтаршиносӣ, танҷим.

**РАСАДБИН** رصدبین *ниг.* **расадбанд**.

**РАСАДДОН** رصددان *ниг.* **расадбанд**.

**РАСАДДОР** رصددار *ниг.* **расадбанд**.

**РАСАДГОҲ//РАСАДГАҲ** رصدگاه//رصدگه *нуҷ.* ҷое дар баландӣ, ки мунаҷҷимон нишаста, вазъияти сайёра ва ситорагонро мушоҳида мекардаанд, расадхона.

**РАСАДНИШИН** رصدنشین *ниг.* **расадбанд**.

**РАСАДХОНА** رصدخانه ҷое ки аз он ҷо ситора, сайёра ва дигар ҷирмҳои осмониро мушоҳида мекунанд.

**РАСАМА** *а.* رسمه он чи аз рӯи тақсим ба касе мерасад, ҳақ, ҳисса, саҳм, расад.

**РАСАН** *а.* رسن ресмон, таноб, арғамчин; ◊ **расан барзадан** бо таноб андоза гирифтан; **расан сохтан** андоза гирифтан; **дар расани** *касе* **будан** гирифтори касе будан.

**РАСАНБОЗ** رسن‌باز дорбоз, касе, ки рӯи арғамчин дар ҳаво мегардад ва бозӣ мекунад.

**РАСАНБОЗӢ** رسن‌بازی шуғлу амали расанбоз, дорбозӣ.

**РАСАНБУР** رسن‌بر 1. он ки расан мебурад. 2. *маҷ.* нобудкунанда, ба хатар афкананда.

**РАСАНВАР** رسن‌ور *кит.* **:замзами расанвар** *киноя аз* офтоб.

**РАСАНГАР** رسنگر он ки расан мебофад, арғамчинбоф, бандбоф.

**РАСАНДА** رسنده он ки ба касе ва ё ба чизе бирасад; басанда, кофӣ.

**РАСАНТОБ** رسن‌تاب он ки расан метобад, ресмонтоб, бандинабоф.

**РАСАНТОБӢ** رسن‌تابی 1. ресмон бофтан, арғамчинбофӣ. 2. *маҷ.* осебу зарар расонидан ба касе.

**РАСВО** رسوا он ки ба сабаби ягон амали ношоям бадном шудааст, бадном, беобрӯ; **расво гардидан (шудан)** бадном шудан, шарманда (беобрӯ) шудан; **расво кардан** а) бадном намудан; б) *гуфт.* хароб кардан, вайрон намудан; **расвои** *касеро* **баровардан (кашидан)** касеро дар назари умум бадному шарманда намудан; **расвои кор баромад** сир фош шуд, коре, ки бояд пинҳон мемонд, ба ҳама аён гашт; ◊ **расвои олам (ҷаҳон) шудан** дар назари ҳама ба бадӣ шинохта шудан.

**РАСВОӢ** رسوایی шармандагӣ, беобрӯӣ, бадномӣ, вазъу ҳолати расво; **ба расвоӣ кашидани кор** боиси бадномию шармандагӣ шудани коре.

**РАСИД** رسید *нав.* навиште, ки пас аз дарёфт кардани чизе аз касе ба унвони санад ба ӯ дода мешавад.

**РАСИДА** رسیده 1. омада, ворид, даромада. 2. ба ҳадди балоғат расида (*бача*). 3. пухта, тамом пухта (*мева*), ба воя расида; **расида гирифтан** омада баробар шудан бо касе, ки пеш рафтааст; **мӯи расида** мӯи дарозшуда, ки вақти гирифтанаш (тарошиданаш) расидааст; **ба қад расида** болиғшуда, қадрас.

**РАСИДАГӢ** رسیدگی 1. расида, пухта (*мева*). 2. балоғат. 3. назорат ба иҷрои коре, нигоҳубин аз болои чизе; **расидагӣ кардан** ба иҷрои коре назорат кардан, хабар гирифта истодан (*аз вазъи коре*).

**РАСИДАН** رسیدن 1. омадан, ворид шудан; **расида омадан** дар вақт ва мавриди даркорӣ ба ҷое ворид гардидан. 2. васл шудан, ноил гардидан, даст ёфтан; **ба хурсандӣ расидан**. 3. бархӯрдан, тамос ёфтан, дакка хӯрдан (*чизе ба чизе*). 4. наздик шудан, фаро расидан. 5. дастрас шудан, маълум гардидан, шунида шудан; **даҳон ба даҳон ба ҳар кас расидани хабаре**. 6. кифоя кардан, басанда будан. 7. бархӯрдан (*мас.*, *тир ба ҳадаф*), задан. 8. даромадан (*аз синне ба синне*). 9. камол ёфтан, болиғ шудан; **расида шудан** ба балоғат расидан. 10. пухтан (*мева, ҳосили кишт*); **ҳосил расидан**. 11. фарбеҳ (солим) шудан. 12. зан шудан, ба издивоҷи касе даромадан. 13. дамидан, ба тоб омадан (*мас.*, *хамир, замини корам*); **расида гирифтан** омада баробар шу-

дан бо касе, ки пеш рафтааст; **расидан ба** *касе* баробар шудан, ҳамто шудан ба касе; **ба доди** *касе* **расидан** ба касе мадад кардан, мушкили касеро осон намудан, додрасӣ кардан (*ба касе*); **дандон ба дандон расидан** сахт ба ларза афтодан; **аҷал расидан** омадани вақти марг; **ба гӯш расидан** шунида шудан; **ба давлат расидан** соҳиби молу сарват гардидан; **ба дидор расидан** ба дидани касе ноил шудан; **ба ёд (хотир) расидан** ба ёд омадан; **ба** *касе* **расидан** (*дар коре*) баробар шудан, ҳамтову монанд шудан; **ба мурод расидан** ба мақсад ноил шудан, ба амал омадани орзу; **ба назар расидан** дида шудан, намоён будан; **ба охир расидан** тамом шудан, итмом ёфтан; **ба пирӣ расидан** пир шудан; **ба синни мактабӣ расидан** мактабхон шудан, мактабрав шудан; **ба сӯҳбати** *касе* **расидан** бо касе ҳамсӯҳбат шудан, ба шарафи мулоқоти касе ноил шудан; **ба шахсияти** *касе* **расидан** касеро таҳқир кардан, сухани таҳқировар гуфтан; **ба ҳалокат расидан** нобуд шудан, ҳалок гардидан; **ба ҳамдигар расидан** бо якдигар вохӯрдан, бо ҳам мулоқот доштан, ба воситаи якдигар расидан; **ба ҷазои худ расидан** сазои амали бади худро дидан; **ба ҷон расидан** безор шудан, ниҳоят дилгир шудан; **гап расидан ба** *касе* мавриди маломат қарор гирифтан, коҳиш шунидан, мавриди эрод шудан; **даст нарасидан ба коре** фурсати ба ҷо овардани кореро надоштан; **ба сархорӣ ҳам дасташ намерасад**; **ёрӣ расидан** омадани имдод аз ҷое, мадад расидан; **зарар расидан** осеб ворид омадан; **ришу мӯйлаб расидан** зиёд шудани мӯи риш ва мӯйлаб; ◊ **сар ба осмон расидан** ба ниҳояти хурсандӣ ва ифтихор ноил шудан, хеле хушбахт шудан; **ба як ҷо расида мондани синну сол** куҳансол шудан (солхӯрда) шудан, пир шуда мондан; **сахт расидан** боиси малоли хотир ё ранҷиш шудани сухани касе ба касе; **ҳақ ба ҳақдор расидан** ғалаба кардани ҳақиқат, ҳақ барқарор шудан; **мо худ нарасидем, ту шояд бирасӣ** (*зарб.*).

**РАСИДАНГОҲ** رسیدنگاه *кит.* ҷои мулоқот, макони расидан.

**РАСИДАНӢ** رسیدنی қобили расидан, он ки ё он чи бояд бирасад; пухтанӣ, наздики пухтани мева.

**РАСИН** *а.* رصین *кит.* мустаҳкам, устувор, побарҷой, мазбут.

**РАСИШ** I رسش *исми феълӣ аз* **расидан**; нашъунамо; **расиши кишт**.

**РАСИШ** II رسش *тех.* расидани садамавии симҳои ноқили барқ; **расиши кӯтоҳ** ба ҳам расидан ва хароб гаштани симҳои ноқили барқ.

**РАСМ** I *а.* رسم 1. оин, урфу одат, таомул. 2. тарз, тариқ; **расми кор** тарзи кор; **расм будан** маъмул будан, одат будан; **расм кардан** ба таомул даровардан, маъмул гардонидан; **расм шудан** маъмул гардидан.

**РАСМ** II *а.* رسم 1. сурат, тасвир, сурати бо қалам кашидашуда. 2. умуман сурат, сурати аккосӣ; **расм гирифтан** сурат гирифтан, акс бардоштан бо дастгоҳи аккосӣ; **расм кашидан** наққошӣ кардан, сурати чизе ё касеро бо қалам нақш кардан. 3. андоз, хироҷ.

**РАСМАН** *а.* رسماً аз рӯи қоидаву тартиби маъмул, аз рӯи риояти расмият, аз нуқтаи назари давлатӣ ва хидматӣ; ба таври расмӣ.

**РАСМБОЗ** رسمباز *кит.* маккор, фиребгар.

**РАСМГИР** رسمگیر суратгир, аккос, суратбардор.

**РАСМДОР** رسمدار он чи сурат дорад, суратнок, дорои сурат.

**РАСМИГУЗАШТ** رسمیگذشت *нав.* дар маросимҳои расмӣ саф ороста аз майдон гузаштани сарбозону афсарон *ва г.*

**РАСМИЯТ** رسمیت 1. расмӣ шинохта шудан, расмӣ ҳисоб кардан; **расмият додан ба** *коре* кореро расмӣ шинохта, онро мавриди иҷрои умумӣ гардонидан. 2. риоят ба зоҳири русум, риояти расмӣ, қоидаву тартиб; **аз рӯи расмият** барои зоҳиран риоят кардани қоидаву тартиб; **ба расмият даровардан** расмӣ гардонидан, тамоми талаботи расмии кореро иҷро кардан.

**РАСМИЯТДӮСТ** رسمیتدوست шахсе, ки корҳои зоҳирпарастиро дӯст медорад, он ки расмият ва таоруфро дӯст медорад ва риоят мекунад.

**РАСМИЯТДӮСТӢ** رسمیتدوستی расмиятдӯст будан, расмиятпарастӣ, зиҳирпарастӣ.

**РАСМИЯТПАРАСТ** رسمیتپرست он ки ба шак-

ли зоҳирии кор аҳамият медиҳад ва иҷрои расмии корро талаб мекунад, формалист, зоҳирпараст.

**РАСМИЯТПАРАСТӢ** رسميتپرستی шуғлу амали расмиятпараст, зоҳирпарастӣ.

**РАСМИЯТЧИГӢ** رسميتچيگی *ниг.* **расмиятпарастӣ**.

**РАСМИЯТЧӢ** رسميتچی *ниг.* **расмиятпараст**.

**РАСМӢ** رسمی 1. давлатӣ, вазифадор, масъул: **намояндаи расмӣ**. 2. қонунишуда, ба расмият даромада: **вазифаи расмӣ**. 3. муқаррарӣ, маъмулӣ: **суханҳои расмӣ**; **дарси расмӣ** дарсҳое, ки дар мадрасаҳои Бухоро таълимашон ҳатмӣ буд; **уламои расмӣ** уламои мансуб ба дарбор; **шоири расмӣ** шоири аз тарафи ҳама шинохташуда, шоири пухтаю расида; **қабули расмӣ** ба ҳузури худ пазируфтани шахси давлатӣ, гурӯҳи касонро, ки ин пазирой аз рӯи муқаррарот ва маросими муайян гузаронида мешавад; **ҳуҷҷати расмӣ** ҳуҷҷате, ки аз тарафи ягон идораи салоҳиятдори давлатӣ содир мешавад; **расмӣ кунонидан** ба шакли қонунӣ даровардан, ба қонуну қоида мувофиқ гардонидан. 4. зоҳирӣ, тазоҳурӣ, барои намоиш ба дигарон, рӯякӣ.

**РАСМКАШ** رسمکش он ки сурат мекашад, рассом.

**РАСМКАШӢ** رسمکشی сураткашӣ, рассомӣ.

**РАСМНОК** رسمناک суратдор, мусаввар.

**РАСМУЛХАТ** *а.* رسمالخط 1. тарзи навишти калимаҳо. 2. хушхатнависӣ. 3. имло.

**РАСМШУДА** رسمشده он чи маъмул мебошад, маъмулӣ, расмӣ.

**РАСО** رسا 1. расанда. 2. баланд, шунаво: **овози расо**. 3. қадрас, ба воя расида: **ҷавонони пурқуввати расо**. 4. пурра, комил, тамом: **се соли расо, ақли расо, дасти расо**. 5. хеле, аҷаб, тамоман.

**РАСОИЛ** *а.* رسايل *кит.* номаҳо, мактубҳо.

**РАСОНА** رسانه восита, васила; **расонаҳои ахбор** воситаҳои ахбор, расонаҳои гурӯҳӣ.

**РАСОНАНДА** رساننده он ки ва ё он чи чизеро ба ҷое бурда мерасонад.

**РАСОНАТ** *а.* رسانت мустаҳкамӣ, устуворӣ, маҳкамӣ.

**РАСОН(И)ДАН** رسانيدن//رساندن 1. касеро ба ҷое ё назди касе бурдан, чизеро то ҷое овардан. 2. чизеро ба чизе пайвастан, чизеро ба чизе наздик кардан, тамос додан. 3. кифоя кунондан, басанда гардонидан. 4. ноил гардонидан (*чизеро ба касе*); **ба орзу расондан**. 5. маълум кардан, иблоғ кардан (*хабар, нома ё салом*). 6. парварондан, парвариш, (тарбия) кардан. 7. пазондан (*мас., меваро*). 8. зиёд кардан (*мас., ришу мӯйлабро*). 9. дар феълҳои таркибӣ ба ҷои **кардан, овардан** меояд: **мадад расондан, зарар расондан**; **даст расондан** а) даст наздик кардан, даст-даст карда дидан; б) тааррӯз кардан, задан; **ба гӯш расондан** шунавонидан, маълум гардонидан; **ба ёд расондан** гӯшрас кардан, ба хотири касе овардан; **ба қатл расондан** куштан; **ба анҷом (поён, итмом) расондан** итмом кардан, анҷом додан; **ба субут расондан** исбот кардан.

**РАСОӢ** رسائی пуррагӣ, комилӣ, пухтагӣ.

**РАСОҚОМАТ** رساقامت дорои қаду қомати баланду боло, баландқад, баландқомат, коматбаланд.

**РАСОРАСӢ** رسارسی нашъунамо; баҳамрасӣ, ба ҳамдигар расидан.

**РАСОС** *а.* رصاص *кит.* қалъагӣ, арзиз.

**РАСОСА** *а.* رصاصه як қитъа қалъагӣ.

**РАССОМ** *а.* رسّام сураткаш, суратгир, наққош, мусаввир.

**РАССОМӢ** *а.* رسّامی сураткашӣ, наққошӣ.

**РАСТ** رست *кит.* раста, саф.

**РАСТА** I رسته 1. раҳошуда, халосшуда, он ки наҷот ёфтааст. 2. аз замин рӯида (баромада).

**РАСТА** II رسته 1. дӯконҳои дар як қатор сохташуда, қатори дӯконҳо дар бозор. 2. роҳи зери токҳои бо хавоза бардошташуда.

**РАСТАГОР** رستگار халосшаванда, халосиёбанда, халосшуда, раҳоёфта.

**РАСТАГОРӢ** رستگاری раҳоӣ, халосӣ, наҷот.

**РАСТАН** I رستن раҳо шудан, халос гардидан, наҷот ёфтан, раҳидан.

**РАСТАН** II رستن [*аслаш* **рустан**] рӯидан, болидан.

**РАСТАНИПАРВАР** رستنی‌پرور он ки ба парвариши растаниву гиёҳон машғул аст.

**РАСТАНИПАРВАРӢ** رستنی‌پروری шуғлу пешаи растанипарвар; парвариш ва нигоҳубини растаниҳо.

**РАСТАНИШИНОС** رستنی‌شناس *ниг.* **гиёҳшинос**.

**РАСТАНИШИНОСӢ** رستنی‌شناسی *ниг.* **гиёҳшиносӣ**.

**РАСТАНӢ** I رستنی аслаш рустанӣ, он чи аз замин мерӯяд, гиёҳ, алаф, наботот.

**РАСТАНӢ** II رستنی он ки растан (раҳо шудан) мехоҳад, халос шуданӣ, раҳо шуданӣ.

**РАСТАЧА** رسته‌چه бозорча, дӯконча.

**РАСТОХЕЗ** رستاخیز 1. *д.* рӯзи қиёмат; рӯзи маҳшар. 2. *мач.* ҳангома, шӯру ғавғо, ғалоғула.

**РАСУЛ** *а.* رسول 1. фиристода, қосид. 2. *д.* пайғамбар, паёмбар; **расули Акрам** (с) унвони Муҳаммад(с), пайғамбар (с).

**РАСУЛДОР** رسولدار 1. *кит.* он ки ҳамроҳи расул мегардад, хидматгузори расул. 2. он ки дар дарбор маъмури қабули сафирону расулон аст.

**РАСУЛӢ** رسولی 1. қосидӣ, пайкрасонӣ. 2. пайғамбарӣ, паёмбарӣ.

**РАСУЛХОНА** رسولخانه *кит.* маҳал ва маконе, ки дар он ҷо сафирону фиристодагон пазирой шуда истироҳат мекунанд.

**РАТБ** *а.* رطب 1. яке аз мизоҷҳои чаҳоргона, тар; **ратбу ёбис** а) тару хушк; б) *киноя аз* ҳарзагӯй, суханҳои пасту баланд; *муқ.* **ёбис (ёбису ратб)**. 2. тоза, нав.

**РАТИБ** *а.* رطیب *кит.* тар, намнок, мартуб.

**РАТЛ** I *а.* رطل *кҳн.* воҳиди андозагирии вазн, ки ба 449,28г баробар аст.

**РАТЛ** II *а.* رطل пиёла, паймона, ҷом, қадаҳ, пиёлаи шароб; **ратли гарон** ҷоми калони пур аз шароб.

**РАТСИЯ** *лот.* رتسیه *кӯтоҳшудаи* радиостансия; дастгоҳи радиоии хурди сайёр.

**РАФ** رف 1. ҷои махсус дар девори хонаҳо барои чида мондани зарфҳо, токча. 2. китобмонак, қафасаи тахтагӣ барои чидани китоб, дар дӯконҳо барои чидани молҳо. 3. суфаи нишаст дар пеши дарвоза.

**РАФАК** رفک *мач.* барҷастагие дар биноҳо, ки новадон, пешайвон ва ғайраро нигоҳ медорад.

**РАФЕЪ** *а.* رفیع 1. баланд, олӣ, афрошта. 2. *мач.* боаҳамият, арзишманд.

**РАФИДА** رفیده болиштчаи гирде, ки хамири нонро ба болои он монда ба танӯр мечаспонанд.

**РАФИДАМОҲӢ** رفیده ماهی як навъи моҳӣ.

**РАФИДАПО** رفیده‌پا пойи гирди паҳн, пойи шутур.

**РАФИДАРӮЙ** رفیده‌روی гирдарӯй, дорои рӯи калони гирд.

**РАФИҚ** *а.* رفیق дӯст, ҳамдам, ҳамнишин; **рафиқ шудан** дӯст шудан, дӯстӣ кардан.

**РАФИҚӢ** رفیقی *ниг.* **рафоқат**.

**РАФИҚОНА** *а.* رفیقانه чун дӯст, чун ёр ва ҳамнишин; дӯстона: **муносибати рафиқона**.

**РАФОҚАТ** *а.* رفاقت дӯстӣ, ёрӣ, рафиқ шудан, ҳамроҳӣ кардан, ҳамроҳӣ.

**РАФОҲ//РИФОҲ** *а.* رفاه *кит.* осудагӣ, осоиш, роҳат; рафоҳи ҳол, некӯаҳволӣ.

**РАФОҲАТ//РАФОҲИЯТ** *а.* رفاهت//رفاهیت осудагӣ, осоиш, роҳат, некӯаҳволӣ.

**РАФРАФ** *а.* I رفرف *кит.* 1. болҷунбонии мурғ ҳангоми фуруд омадан. 2. ҷунбиши мавҷи тез.

**РАФРАФ** II *а.* رفرف *кит.* фарш, бисот; ҳар чизи густурданӣ.

**рафт** رفت *асоси замони гузашта аз* **рафтан**; ҷараён, равиш (об, кор); **дар рафти**... дар аснои...; **то рафт** рафта-рафта, ба тадриҷ.

**РАФТА** رفته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **рафтан**. 2. равоншуда, гузашта, сипаришуда; **аз рафта маяндешу аз оянда матарс** (*мақ.*). 3. аз даст баромада.

**РАФТАГОР** رفته‌گار раванда, он ки рафтан

мехоҳад, роҳӣ, озим; **рафтагор будан** равона будан, хаёли рафтан доштан; **рафтагор шудан** равона гардидан, рафтан хостан.

**РАФТАГӢ** رفتگی он ки рафтааст, рафта.

**РАФТАН** رفتن 1. қадам бардошта роҳӣ шудан; *муқоб.* **истодан**, равона гардидан; *муқоб.* **омадан**. 2. ҷой ва макони худро дигар кардан, кӯчидан, сафар кардан. 3. гузаштан, сипарӣ шудан, тай шудан. 4. баромадан, хориҷ шудан. 5. сарф шудан. 6. давом кардан, идома доштан, ба вуқӯъ пайвастан, рӯй додан. 7. мурдан. 8. дар феълҳои таркибӣ ба ҷои **шудан** ва **кардан** меояд: **ба ғорат рафтан, барбод рафтан, хоб рафтан; рафта истодан** дар ҳини рафтан будан; **берун рафтан** баромадан, хориҷ шудан; **гумон рафтан** пиндоштан, тахмин кардан; **аз даст рафтан** гум (нест) шудан; **дил рафтан ба** *чизе* сахт майл ва рағбат пайдо шудан ба *чизе*; **аз дунё рафтан** мурдан; **аз ёд рафтан** фаромӯш шудан; **аз миён рафтан** барҳам хӯрдан, нест шудан; **об рафтан аз чашм** ҷорӣ шудани ашк; **(ба) пинак рафтан** дар ҳолати нимхобу нимбедорӣ будан, ғанаб кардан; **роҳ рафтан** роҳ гаштан; **сарфаҳм рафтан** фаҳмидан, дарёфтан, дарк кардан; **фурӯ рафтан** ба таги об ғӯтидан, ғуруб кардан (Офтоб, Моҳ); **пеш аз фурӯ рафтани Офтоб**; **чашм сиёҳ рафтан** сахт ошуфта ва ҳайрон шудан, дар пеши назар чизеро надида мондан (*аз ҳаяҷон ё сабаби дигар*); **ба хаёл рафтан** ғарқи фикру хаёл гардидан; **ба хато рафтан (тир)** ба ҳадаф нарасидан; **аз худ рафтан** мағрур (худписанд) шудан, касонро писанд накардан; **хун рафтан** ҷорӣ шудани хун аз ягон ҷои бадан; **ба ҳаво рафтан** пучу бесамар гардидан, ҳадар шудан; **аз ҳол рафтан** бемадор шудан, бетобу тавон гардидан; **аз худ рафтан** беҳуш шудан, ғаш кардан; **аз мо чӣ меравад**... ба маънои «аз карнайчӣ як пуф»; **даст ба кор нарафтан** ба иҷрои кор майлу рағбат надоштан; **рафту (раваду)**... мабодо..., балки... гирем, ки..., фарз кунем, ки...

**РАФТАНӢ** رفتنی он ки рафтагор аст, он чи бояд биравад, рафтагор; **рафтанӣ шудан** қасди рафтан доштан, рафтан хостан.

**РАФТА-РАФТА** رفته‌رفته бо мурури замон, тадриҷан, андак-андак, оҳиста-оҳиста, оқибат.

**РАФТОВАРӢ** رفت‌آوری *кит.* мулоқот, зиёрат: **рафту омад**.

**РАФТОР** رفتار 1. равиш, гашт, тарзи роҳравӣ; **рафтор кардан** муомила кардан. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маъниҳои* сифат *ва* чигунагии рафтор: **хушрафтор**, **бадрафтор**, **тезрафтор**.

**РАФТУО(Й)** رفتوآ(ی) 1. рафтан ва омадан аз ҷое ба ҷое, робита, рафтуомад. 2. бо ҳам дӯстӣ ва омаду рафт доштан, улфатӣ, нишастухез; **рафтуой доштан** робита доштан, бо касе дӯстӣ ва рафтуомади доимӣ доштан. 3. ҳаракати нақлиёт, алоқа бо воситаҳои нақлиёт: **рафтуойи мошинҳо**.

**РАФТУОМАД** رفتوآمد равуой, рафтан ва омадан, дӯстӣ, наздикӣ; **рафтуомад доштан (кардан)** алоқаманд будан, муносибати дӯстӣ доштан, ҳамнишин будан.

**РАФЧА** رفچه тоқча, тахтабанди махсус дар девор барои мондани зарф, китоб *ва г.*; тахтабанди қатора дар дӯконҳо барои чидани молҳо.

**РАФЪ** *а.* رفع аз байн бурдан ё бартараф кардани монеае; **рафъ шудан** аз байн рафтан, рафъи оқибатҳои офати табиӣ.

**РАФЪАТ//РИФЪАТ** *а.* رفعت баландқадрӣ, баландӣ, бузургворӣ, ҷоҳу ҷалол, улвият.

**РАХ** رخ хати борики рост дар болои коғаз *ва г.*; **рах кашидан** хати борик нақш кардан ба болои чизе; **рах задан** болои ҳам чидани кӯрпаву болиштҳо *ва г.*

**РАХАПЕЧ** رخه‌پیچ *тех.* 1. дандона. 2. дорои дандона; **ҳалқаи рахапеч** ҳалқаи дандонадор.

**РАХБАРОР** رخبرار хаткаш, хаткашанда.

**РАХБАРОРӢ** رخبراری хат кашидан, рах баровардан.

**РАХБИН** رخبین *кит.* дӯғи турши сахтшуда, қурут.

**РАХБОРИК** رخباریک дорои хатҳои борик: **ҷомаи алочаи рахборик**.

**РАХДОР** رخدار 1. он чӣ дар болояш хатҳои борики ба ҳамдигар мувозӣ дорад. 2. қиррадор: **санги рахдор**.

**РАХНА** رخنه 1. шикофе, ки дар девор пайдо

мешавад, шикоф, чок. 2. халал ва нуқсоне, ки ба ягон чиз мерасад; **рахна задан** а) шикофтан, шикоф ба амал овардан, ҷоеро шикофта роҳ кушодан; б) осеб расондан, зарба задан; **рахна кардан** а) шикоф кардан; сӯрохӣ ба вуҷуд овардан, роҳ кушодан; б) нуфуз кардан, даромада гирифтан.

**РАХНАГАР** رخنه‌گر рахнакунанда, зараррасон.

**РАХНАГӢ** رخنگی *кит.* айбҷӯ, хурдагир.

**РАХНАГОҲ** رخنه‌گاه ҷои сурох, ҷое, ки дар дар он сурох мавҷуд аст.

**РАХНАДОР** رخنه‌دار он чӣ шикоф дорад, шикофнок, сӯрохшуда.

**РАХНАК** رخنک шикофии хурди махсус барои ҷой кардани доруи тарканда ҳангоми кандани кон ва ё нақб.

**РАХНАКУНӢ** رخنه‌کنی *исми амал аз* **рахна кардан**; сӯрох кардан, шикофтан; сафи муқовимати душманро шикастан.

**РАХО** *а.* رخا *кит.* 1. айш; осудаҳолӣ, фаровонӣ. 2. нармӣ, сустӣ.

**РАХОВАТ** *а.* رخاوت мулоимӣ, нармӣ; сустӣ.

**РАХПЕЧ** رخ پیچ он чи раххои печдарпеч дорад.

**РАХ-РАХ** رخرخ порча ё коғазе, ки ба рӯяш хатҳои мувозӣ кашида шудааст, рахдор.

**РАХТ** رخت 1. либос, пӯшокӣ. 2. асбобу анҷом, коло, асбобу анҷоми сафар; **рахти хоб** васоили даркорӣ барои хоб (*кӯрпа, болишт, кампал ва г.*), ҷойгоҳи хоб; **рахт бастан (барбастан)** а) равона шудан, сафар кардан, ба сафар омодагӣ дидан, рафтан; б) *маҷ.* мурдан. 3. *маҷ.* реш, ҷароҳат. 4. *маҷ.* айб, нуқсон, камбудӣ. 5. *кит.* бемор; хаста, маҷрӯҳ.

**РАХТАК** رختک *кит.* либоси камарзиш ва камаҳамият.

**РАХТДОР** رختدار *нав.* парасторе, ки дар бемористон ба беморон либос ва рахти хоб медиҳад.

**РАХТКАШ** رخت‌کش 1. боркаш, чорпо. 2. касе, ки ба сафар равона мешавад, роҳӣ, мусофир.

**РАХТОВЕЗ** زخت‌آویز *кит.* ҷои овезон кардани либосҳо, ҷолибос.

**РАХТХОНА** رخت‌خانه ҷои нигаҳдории либос.

**РАХТШУР** رخت‌شور *ниг.* **рахтшӯй**.

**РАХТШӮ(Й)** رخت‌شو(ی) он ки либос мешӯяд, либосшӯй; касе, ки дар бемористон ба шустани либосҳо машғул аст.

**РАХЧА** رخچه рахи майда, рахи хурд.

**РАХШ** I رخش дурахш, тобандагӣ.

**РАХШ** II رخش ранги сурху сафеди ба ҳам омехта; **себи рахш** себи сафеду сурхи тобон.

**РАХШ** III رخش 1. асп, аспи зотӣ. 2. номи аспи Рустам.

**РАХШАНДА** رخشنده тобанда, дурахшон, тобон, мунаввар.

**РАХШИДАН** رخشیدن тобидан, дурахшидан, равшан шудан.

**РАХШОН** رخشان рахшанда, дурахшанда, тобон.

**РАХШОНДАГӢ** رخشاندگی дурахшандагӣ, равшанӣ.

**РАХШОНӢ** رخشانی дурахшонӣ, равшанӣ.

**РАҲ** ره 1. *ниг.* **роҳ**. 2. дафъа, бор, карат; **раҳ то раҳ** *гуфт.* дар тамоми тӯли роҳ.

**РАҲАБА//РАҲБА** *а.* رهبه 1. замини кушоду фарох. 2. саҳни ҳавлӣ. 3. корвонсарой.

**РАҲАКӢ** رهکی *гуфт.* он чи ва он ки ба ҷое равон аст, раванда: **одами раҳакӣ**, **мошини раҳакӣ**; **раҳакӣ шудан** равона гардидан, ба роҳ даромадан, роҳсипор шудан (гардидан).

**РАҲАНҶОМ** ره‌انجام *кит.* аспи сафарӣ.

**РАҲБАЛАД//РОҲБАЛАД** ره‌بلد//راه‌بلد роҳдон, роҳнишон–диҳанда, он ки чигунагии роҳро нағз медонад.

**РАҲБАР** رهبر *ниг.* **роҳбар**.

**РАҲБАРИКУНАНДА** رهبری‌کننده роҳбар, роҳнамо: **мақоми роҳбарикунанда**.

**РАҲБАРИЯТ** رهبریت фаъолияти раҳнамоикунандагии сардоре, ки дар сари коре истодааст; умуман роҳбарӣ, роҳнамоӣ; гурӯҳе, ки дар сари коре истода, ба он раҳнамоӣ ва сардорӣ мекунад.

**РАҲБАРӢ** رهبری *ниг.* **роҳбарӣ**.

**РАҲГАРД** ره‌گرد *гуфт.* он ки дар роҳгардӣ

таҷрибаи зиёд дорад, раҳнавард.

**РАҲГАРДӢ** ره‌گردی *гуфт.* роҳравандагӣ, равандагӣ, роҳнавардӣ.

**РАҲГАРОӢ//РАҲГИРОӢ** ره‌گرائی *кит.* раванда, азиматкунанда, роҳраванда, озим.

**РАҲГУЗАР** I رهگذر он ки аз роҳе гузашта меравад, мусофир, гузаранда.

**РАҲГУЗАР** II رهگذر гузаргоҳ, роҳи гузар, роҳ, кӯча.

**РАҲГУМ** رهگم он ки роҳро гум кардааст, раҳгумзада.

**РАҲГУМЗАДА** رهگم‌زده он ки роҳро гум кардааст.

**РАҲГУМКАРДА** رهگم‌کرده *ниг.* **роҳгумкарда**.

**РАҲДАВАК** رهدوک *бот.* як навъ гиёҳ, ки дар рӯи роҳҳо меруяд.

**РАҲЗАН** رهزن *ниг.* **роҳзан**; ғоратгар.

**РАҲЗАНӢ** رهزنی *ниг.* **роҳзанӣ**, **ғоратгарӣ**.

**РАҲИДАН** رهیدن раҳоӣ ёфтан халос шудан, наҷот ёфтан (*аз банду қайд*).

**РАҲИҚ** *а.* رحیق *кит.* 1. холис, соф, беғаш. 2. шароби соф, шароби бедурд, шароби ноб.

**РАҲИЛ** *а.* رحیل кӯч кардан, кӯчидан, ба сафар (ба роҳ) баромадан, аз ҷое ба ҷое рафтан.

**РАҲИМ** I *а.* رحم 1. бачадон, заҳдон. 2. хешӣ, хешутаборӣ, қаробат.

**РАҲИМ** II *а.* رحیم меҳрубон, раҳмкунанда, бахшоянда (*сифати Худо*).

**РАҲИН** *а.* رهین *кит.* 1. гарав мондашуда, гаравӣ. 2. *маҷ.* мамнун, мадюн, миннатдор ва шукргузор.

**РАҲӢ** I رهی *ниг.* **роҳӣ**.

**РАҲӢ** II رهی 1. банда, ғулом, чокар. 2. *ҳамчун нишони хоксорӣ ба ҷои ҷонишини шахсии* «ман» *кор фармуда мешавад.*

**РАҲКУШО** ره‌کشا он ки роҳ мекушояд ё аввалин бор ба тай кардани роҳе иқдом мекунад, оғозкунанда.

**РАҲКӮФТАГӢ** ره‌کوفتگی мондашавӣ (лакотшавӣ) ба сабаби дурии роҳ.

**РАҲЛ** I *а.* رحل *кит.* маскан, манзил; **раҳли иқомат** афкандан ҷойгузин шудан, манзил кардан.

**РАҲЛ** II *а.* رحل лавҳи китобхонӣ, курсичаи хурди китобмонӣ махсусан барои гузоштани Қуръони Шариф.

**РАҲМ** *а.* رحم меҳрубонӣ, дилсӯзӣ, шафқат, ғамхорӣ; **раҳм доштан** дилсӯзӣ (меҳр, шафқат) доштан; **раҳм кардан (намудан)** дил сӯхтан, дилсӯзӣ кардан; **раҳм овардан** дилсӯзӣ кардан; **раҳм омадан** *ниг.* **раҳм кардан**; **раҳм хӯрдан** *ниг.* **раҳм кардан**.

**РАҲМАНГЕЗ** رحم‌انگیز *ниг.* **раҳмовар**.

**РАҲМАТ** *а.* رحمت 1. меҳрубонӣ, шафқат, бахшоиш, афв. 2. ташаккур, таҳсин (*дар мавриди изҳори миннатдорӣ гуфта мешавад*); **раҳмат ба шумо** ташаккур ба шумо, миннатдорам аз шумо, аҳсан ба шумо (*дар мавриди изҳори миннатдорӣ гуфта мешавад*); **раҳмат гуфтан** миннатдорӣ баён кардан; **Худо раҳмат кунад**! Худо бахшояд! (*дар мавриди ба хайр ёд кардани мурдагон гуфта мешавад*); **ба раҳмати эзидӣ пайвастан** вафот кардан.

**РАҲМАТӢ** رحمتی марҳум, шодравон.

**РАҲМАТНОМА** رحمت‌نامه номае, ки дар он сипосгузорӣ ва таҳсин баён шудааст.

**РАҲМДИЛ** رحم‌دل нармдил, дилсӯз, меҳрубон, навозишкор.

**РАҲМДИЛӢ** رحم‌دلی нармдилӣ, дилсӯзӣ, меҳрубонӣ, навозишкорӣ.

**РАҲМДИЛОНА** رحم‌دلانه дилсӯзона, меҳрубонона.

**РАҲМОВАР** رحم آور он чи боиси тараҳҳум аст, он чи ҳисси тараҳҳум падид меорад.

**РАҲМОН** *а.* رحمان *д.* бахшоянда, раҳмкунанда (*сифати Худо*).

**РАҲМХӮР** رحم‌خور дилсӯз, мушфиқ, меҳрубон.

**РАҲМХӮРӢ** رحم‌خوری тараҳҳум, дилсӯзӣ, шафқат.

**РАҲН** *а.* رهن *кит.* он чи ба гарав монда шудааст, гаравгон.

**РАҲНАВАРД** ره‌نورد *ниг.* **роҳнавард**.

**РАҲНАВАРДӢ** ره‌نوردی роҳгардӣ, роҳпаймоӣ.

**РАҲНАМО** رهنما *ниг.* **роҳнамо**.

**РАҲНАМОӢ** رهنمایی *ниг.* **роҳнамоӣ**; далолат, роҳнишондиҳӣ; **раҳнамоӣ кардан** роҳ нишон додан, ба коре ё ҷое ҳидоят намудан.

**РАҲНАМУН** رهنمون роҳнамо, роҳбар.

**РАҲННОМА** رهن‌نامه хати гарав, ҳуҷҷат оид ба гарав мондани чизе, гаравнома.

**РАҲНОРАФТА** ره‌نارفته 1. он ки роҳ нарафтааст, одами сафарнакарда. 2. *маҷ.* бетаҷриба, хом.

**РАҲО** رها наҷотёфта, халосшуда, озодӣ, наҷот; **раҳо кардан** халос (озод) кардан, сар додан; **раҳо гардидан (шудан)** халос шудан, наҷот ёфтан.

**РАҲОВӢ** رهاوی *кит.*, *мус.* навое аз мусиқӣ.

**РАҲОВАРД** ره‌آورد *ниг.* **роҳоввард**.

**РАҲОИШ** رهایش халосӣ, наҷот.

**РАҲОИБАХШ** رهائی‌بخش раҳонанда, озодибахш, наҷотбахш.

**РАҲОӢ** رهائی халосӣ, озодӣ, наҷот (*аз қайду банд*); **раҳоӣ додан** наҷот додан, халос кардан, озод намудан; **раҳоӣ ёфтан** наҷот ёфтан, халос шудан.

**РАҲОМӮЗ** ره‌آموز он ки роҳу равиш меомӯзад, устод, ҳодӣ, роҳбар.

**РАҲОН(И)ДАН** رهاندن//رهانیدن наҷот додан, халос кардан, раҳо кардан.

**РАҲОНАНДА** رهاننده наҷотдиҳанда, озодкунанда, халосгар.

**РАҲОРАҲ** رهاره *гуфт.* дар аснои роҳ, роҳравон, ҳангоми роҳ рафтан.

**РАҲОСОЗӢ** رهاسازی раҳо сохтан, раҳо кардан, халос кардан, озодсозӣ.

**РАҲОШУДА** رهاشده озодшуда, халосшуда, он ки аз банде ё қайде халос шудааст.

**РАҲПАЙМО** ره پیما роҳраванда, равона.

**РАҲПАЙМОӢ** ره‌پیمایی роҳрафтан, азиматкунанда, раҳфарсоӣ; **раҳопаймоии эътирозӣ** изҳори эътироз аз сиёсати давлатӣ ба воситаи роҳпаймоӣ, ки бо гузаштан аз хиёбоне ва додани шиорҳои эътирозӣ хатм мешавад.

**РАҲПОӢ** ره‌پائی чашм ба роҳ будан, интизорӣ.

**РАҲПУЛӢ** ره‌پولی роҳкиро, пуле, ки барои харҷи роҳ сарф мешавад, роҳхарҷӣ.

**РАҲРАВ** رهرو 1. раванда, роҳнавард, тайкунандаи роҳ. 2. даромадгоҳи болопӯшидаи ҳавлӣ (*аз дарвоза то рӯи ҳавлӣ*), долон.

**РАҲРАВОН** رهروان дар аснои роҳгардӣ, роҳрафтаистода, дар ҳолати роҳравӣ.

**РАҲ-РАҲ** ره‌ره дорои нақши ҷадвали мувозӣ, рах-рах, рахдор.

**РАҲСИПОР//РОҲСИПОР** رهسپار//راهسپار равона, он ки озими сафар аст, роҳгард, роҳнавард, роҳнавардӣ.

**РАҲСИПОРӢ** رهسپاری роҳ паймудан, роҳгардӣ.

**РАҲТӮША** ره‌توشه *ниг.* **роҳтӯша**.

**РАҲФАРСО** رهفرسا роҳпаймо, роҳгард, раҳнавард.

**РАЧАК//РАЧУК** رچک оруғ, ҳиққак, ҳиқичоқ.

**РАҶАБ** *а.* رجب моҳи ҳафтуми солшумории қамарии ҳиҷрӣ.

**РАҶАЗ** *а.* رجز *адш.* 1. шеъре, ки шоир ё гӯянда дар таърифи худ мехонад. 2. яке аз вазнҳои баҳри арӯз, ки ҳар мисраъ аз 3 ё 4 рукни «мустафъилан» иборат аст.

**РАҶАЗХОНӢ** رجزخوانی таъриф ва мубоҳот кардани ҳунар ва диловариҳои худ; *маҷ.* лофзанӣ.

**РАҶИМ** *а.* رجیم 1. ронда, рондашуда, сангсор шуда. 2. лаънатӣ, малъун (*сифат ва лақаби шайтон*).

**РАҶО//РИҶО** *а.* رجا//رجاء *кит.* умед, орзу, чашмдошт: **умедвор будан**.

**РАҶУЛИЯТ//РУҶУЛИЯТ** *а.* رجولیت *кит.* 1. мардӣ. 2. мардонагӣ, мард будан.

**РАҶҶА** رجّه танобе, ки бо вай ҳамвории чӯбҳои тарошидашуда, ростии деворҳо, заминро дар соҳаи сохтмон ва деҳқонӣ месанҷанд; **раҷҷа кашидан** хатти рост кашидан, хатти қатораҳоро муайян кардан.

**РАҶҶАЧӮБ** رجّه‌چوب ҷадвал барои раҷҷакашӣ.

**РАШ** I رش *кит.* фосилаи миёни ду дасти аз ҳам кушода шуда, қулоч; газ; **раш-раш** газ-газ.

**РАШ** II رش *кит.* замини пуштадор; пушта, теппа.

**РАШ** III *а.* رش *кит.* боридан, чакидан, рехтан; пош хӯрдан, пошидан.

**РАШ** IV رش *кит.* рӯзи ёздаҳуми ҳар моҳи шамсӣ.

**РАШИД** *а.* رشید 1. раванда бо роҳи рост. 2. ба синни рушд расида, далер, шуҷоъ, дорои қомати баланд.

**РАШК** رشک ба касе ҳасад бурдан, ҳасадбарӣ; **рашк бурдан** ҳасад кардан; **ба рашк овардан** боиси рашки касе шудан, дар касе ҳисси ҳасад барангехтан.

**РАШКАНГЕЗ** رشکانگیز боиси ҳасад, рашковар, ангезандаи рашк.

**РАШКДОР** رشک دار *ниг.* **рашкин**.

**РАШКИН** رشکین касе, ки рашк мебарад, рашкдор.

**РАШКНОК** رشکناک *ниг.* **рашкин**.

**РАШКОВАР** رشکآور он чи боиси ҳасад мебошад, ҳасадангез, ангезандаи ҳасаду рашк.

**РАШКОМЕЗ** رشکآمیز рашковар, ҳасудона: **нигоҳи рашкомез**.

**РАШОД** *а.* رشاد *кит.* 1. бо роҳи рост рафтан, дар роҳи рост будан; ростӣ; росткорӣ. 2. пойдорӣ, субот.

**РАШОДАТ** *а.* رشادت *кит.* далерӣ, диловарӣ, шуҷоат.

**РАШОША//РИШОША** *а.* رشاشه қатраҳои ягон чизи обакӣ, қатраҳои борони реза.

**РАШТ** رشت хок, хокрӯба, чангу ғубор; чизе, ки аз кӯҳнагӣ ва пӯсидагӣ аз ҳам рехта мешавад.

**РАШҲ** *а.* رشح *кит.* таровидан, таровида баромадан; арақ кардан.

**РАШҲА** *а.* رشحه он чи аз ҷое таровида баромадааст, чакра, қатра.

**РАЪД** *а.* رعد ғуррише, ки аз ҳаракати абр шунида мешавад, тундар; **раъду барқ** тундар ва чароғак дар ҳаво.

**РАЪДБОНГ** رعدبانگ он ки овозе монанди овози раъд дорад, дорои овози хеле баланд.

**РАЪДВОР** رعدوار мисли раъду барқ, раъдмонанд.

**РАЪДОВАР** رعدآور чун раъд, монанди тундар; хеле баланд, ғуранда (*овоз*).

**РАЪДОСО** رعدآسا мисли раъд, раъдвор, ба сони раъд.

**РАЪЙ** I رأی 1. андеша, фикр, ақида, овоз; **раъйи разин** фикр ва ақидаи матину устувор; **раъй додан** розӣ шудан, овоз додан. 2. хоҳиш, майл; **бар хилофи раъй** ба рағми хоҳиш ва майл; **раъй доштан ба** *чизе* хоҳишманд будан, хостан, моил будан.

**РАЪЙ** II *а.* رعی *кит.* 1. чарон(и)дан, чорпоёнро ба чарогоҳ бурдан.

**РАЪНО** *а.* رعنا 1. номи навъи гули сурхтоб, ки дарунаш сурху берунаш зард аст. 2. зебо, хубрӯй, дилкаш; зане, ки ба ҳусни худ мағрур аст. 3. заиф, нарм, мулоим.

**РАЪНОӢ** رعنایی 1. зебоӣ, хубӣ, дилкаш будан. 2. худороӣ, худнамоӣ.

**РАЪС** رأس 1. сар. 2. болои ҳар чиз. 3. аввали ҳар чиз.

**РАЪША** *а.* رعشه 1. ларза. 2. бемории асаб, ки бадани мубталои ин беморӣ бар он меларзад.

**РЕ** ر *ҳарфи дувоздаҳуми алифбои арабиасоси тоҷикӣ, ки дар ҳисоби абҷад ба адади 200 баробар аст.*

**РЕАКТИВ** *лот.* ریاکتیو моддае, ки дар омезиш бо моддаи дигар реаксияи химиявӣ ба вуҷуд меорад.

**РЕАКТИВӢ** ریاکتیوی 1. он чи вақти таҳлилҳои химиявӣ чун реактив амал мекунад. 2. *тех.* он чи дар асоси истифодаи қувваи вокуниш сохта шудааст: **ҳавопаймои реактивӣ**.

**РЕАКТОР** *фр.* ریاکتار дастгоҳе, ки дар асоси типҳои гуногуни реаксияҳои физикию химиявӣ кор мекунад.

**РЕАЛИЗМ** *фр.* ریالیزم 1. дуруст фаҳмидан ва ба ҳисоб гирифтани воқеият. 2. *адш.* ба воситаи образҳои бадеӣ дуруст ва ҳаққонӣ тасвир кардани воқеият бо хусусиятҳои типии он, воқеънигорӣ.

**РЕВ** ریو *кҳн.* фиреб, макр, тазвир, ҳила.

**РЕВА** ریوه *кит.* пушта, теппа.

**РЕВМАТИЗМ** *ю.* ریومتیزم тарбод, беморие, ки бар асари он буғумҳои пову миён *ва г.* ба дард медарояд.

**РЕВОС** I ریواس растании хӯрдании туршмазаи панҷашакл, чукрӣ; **ревоси таҳсангӣ** ревосе, ки ба таври махсус парварда ва соқааш обдори хушхӯр мешавад: **ревоси зерисангӣ**.

**РЕВОС** II ریواس ҳила, макр, дурӯягӣ.

**РЕВОҶ** ریواج *ниг.* **ревос**.

**РЕГ** I ریگ резаҳои майдаи шорандаи кварс ва дигар маъданҳои сахт, ки бо таъсири боду бориш, селоб ва ҷараёни оби дарёҳо дар натиҷаи аз ҳам пошида ва майдашавии сангҳо пайдо мешавад, сангреза; **реги равон** регҳое, ки дар дашту биёбонҳо бо вазиши бод аз ҷое ба ҷои дигар кӯчида, пуштаҳои регӣ ба вуҷуд меоранд.

**РЕГ II //РЕК** ریگ//ریک *кит.* некбахт, хушбахт.

**РЕГБӢ** *англ.* ریگبی яке аз бозиҳои варзишӣ бо тӯби калон, ки онро чун футбол ба дарвозаҳои махсус фақат бо даст бо даст задан лозим меояд.

**РЕГБОЗӢ** ریگبازی бозие, ки одатан бачагон бо сангрезаҳо анҷом медиҳанд.

**РЕГБУМ** ریگبوم *ниг.* **регзор**.

**РЕГДОҒ** ریگداغ реги дар оташ гарм карда бо мақсади муолиҷаи дарди миён *ва г.*

**РЕГДОР** ریگدار хоке, ки дар таркиби худ рег дорад, хоки омехта бо рег.

**РЕГЗАРДАК** ریگزردک *гуфт.* сабзии худрӯй.

**РЕГЗАРРА** ریگذره зарраи рег, реги хеле реза.

**РЕГЗОР** ریگزار замини пур аз рег, биёбони регӣ.

**РЕГИСТОН** ریگستان 1. регзор, ҷои пур аз рег. 2. номи майдоне дар пеши арки Бухоро; номи майдон дар Самарқанд, ки дар се тарафаш мадрасаҳои машҳури Улуғбек, Шердор ва Тиллокорӣ воқеанд.

**РЕГӢ** ریگی *мансуб ба* **рег**; пайдошуда ва таркибёфта аз рег.

**РЕГКӮЧӢ** ریگ‌کوچی дар асари вазиши бод дар биёбон ва даштҳо аз ҷое ба ҷое равон шудани хомаҳои рег.

**РЕГЛАМЕНТ** *фр.* ریگلامنت дастур, тартиби кор, тартиби будани маҷлис, анҷуман *ва г.*

**РЕГЛОЙ** ریگلای омехтаи рег, хок ва масолеҳи дигари сохтмонӣ барои гилкорӣ, андоваи деворҳо *ва г.*

**РЕГМАЙДА** ریگ میده *ниг.* **регреза**.

**РЕГОМЕЗ** ریگ‌آمیز омехта бо рег.

**РЕГПАХШКУНӢ** ریگ‌پخشکنی дар натиҷаи кӯчидани хомаҳои рег ба зери реги равон мондани киштзор, маҳалли иқомат ё маҷрои об.

**РЕГПУШТА** ریگپشته пушта ё теппае, ки бар асари ҷамъ шудани регҳо ба вуҷуд меояд.

**РЕГРЕЗА** ریگریزه зарраҳои хеле майдаи гардмонанди рег.

**РЕГСАНГ** ریگسنگ сангҳои регмонанд, регзор.

**РЕГСАНГӢ** ریگ سنگی *мансуб ба* **регсанг**.

**РЕГСОР** ریگسار *кит.* регзор, регистон.

**РЕГТӮДА** ریگتوده хомаи рег, тӯдаи регӣ, тӯдаи реги дар як ҷо ҷамъ шуда.

**РЕГФАРШ** ریگفرش фарше, ки ба сангрезаҳо пӯшида шудааст, ҷое, ки дар он сангрезаву рег фарш шудааст.

**РЕГХОК** ریگخاک регдор.

**РЕГХОНА** ریگخانه *кҳн.* номи яке аз зиндонҳои арки амир дар Бухоро.

**РЕГШӮ(Й)** ریگشو(ی) 1. он ки дар ҷойҳои зархез регро шуста, зарраҳои зарро мегирад, заршӯй. 2. шустани наску лӯбиё ва дигар навъҳои ғалладона барои тоза кардани онҳо аз наху сангрезаҳо *ва г.*

**РЕГШӮР** ریگشور *ниг.* **регшӯ(й)**.

**РЕҒ** ریغ *кит.* душманӣ, кина, адоват.

**РЕЖ** ریژ *кит.* ком, мурод, мақсад, ҳавас.

**РЕЖА** ریژه *ниг.* **расмигузашт**.

**РЕЖИССЁР** *фр.* ریژسیار *ниг.* **коргардон**.

**рез** ریز 1. *асоси замони ҳозираи феъл аз* **рехтан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* резанда: **ашкрез, хунрез**.

**РЕЗ** ریز 1. хурд, майда, реза. 2. тарзи навохтани

босуръати оҳанги мусиқӣ; **ҳавои рез** оҳанги тезу босуръат; **бе резу чош овардан** чизеро пурра, нобуд нокарда оварда расондан; **рез кардани дард** шиддат гирифтани дард. 3. рафтори асп, йӯрға: **корҳои резу ров** корҳои майда-чуйда; **рез кардан** йӯрға гирифтан, тез роҳ рафтан; **рез-рез шудан** пора-пора шудан; майдаборон, резаборон.

**РЕЗА** ریزه майда, хурд; **реза кардан** майда (пора-пора) кардан; **хурду резаҳо** бачагони хурдсол; **реза-реза** хурд-хурд, майда-майда, пора-пора.

**РЕЗААНДОМ** ریزه‌اندام хурд, хароб; лоғар, лоғарбадан.

**РЕЗАБОЗ** ریزه باز хасис, мумсик.

**РЕЗАБОРОН** ریزه‌باران бороне, ки майда-майда, сим-сим меборад.

**РЕЗАВОР** ریزه وار молҳои гуногуни атторӣ.

**РЕЗАВОРФУРӮШ** ریزه‌وارفروش савдогари бозоргарде, ки резавор ва молҳои гуногуни атторӣ мефурӯшад.

**РЕЗАВОРФУРӮШӢ** ریزه‌وارفروشی савдо бо молҳои резавор.

**РЕЗАДАНДОН** ریزه‌دندان он ки дандонҳои майда-майдаи зебо дорад.

**РЕЗАДОНА** ریزه‌دانه дорои донаҳои майда- майда.

**РЕЗАКОРӢ** ریزه‌کاری диққат ва ҳунарнамоӣ дар майдатарин ҷузъиёти корҳои дастӣ (*дӯзандагӣ, рассомӣ, заргарӣ, хаттотӣ ва г.*).

**РЕЗАКУНӢ** ریزه‌کنی майда кардан, хурд кардан.

**РЕЗАМӮҲРА** ریزه‌مهره мӯҳраи майда, гарди хазана.

**РЕЗАНДА** ریزنده пошхӯранда; шоранда, моеъ.

**РЕЗАНДАГӢ** ریزندگی *мансуб ба* **резанда**; резанда будан.

**РЕЗАСАНГ** ریزه سنگ сангмайда, сангреза.

**РЕЗАХОР//РЕЗАХӮР** ریزه‌خوار//ریزه‌خور он ки бо пасмондаи дастархони касон рӯз мегузаронад, он ки сарқути касонро мехӯрад; *маҷ.* пастинати дунтабиат.

**РЕЗАЧИН** ریزه‌چین *ниг.* **резахор**.

**РЕЗАЧИНӢ** ریزه‌چینی 1. хушачинӣ. 2. *маҷ.* хасисӣ, пасттинатӣ

**РЕЗАЧОРПО** ریزه‌چارپا тарзи тохти асп, лӯкка.

**РЕЗБАРГА** ریزبرگه баргаи хурди реза.

**РЕЗБИН** ریزبین он ки хурдтарин ҷузъиёти чизеро мебинад ё дарк мекунад, дақиқбин, борикбин, дақиқпазир.

**РЕЗБИНӢ** ریزبینی дақиқбинӣ, борикбинӣ, назари дақиқ доштан.

**РЕЗБОФ** ریزباف матоъ ё порчае, ки тору пӯди он бо торҳои борик бофта шудааст.

**РЕЗБОФТ** ریزبافت *ниг.* **резбоф**.

**РЕЗГӢ** ریزگی он чи вақти буридани пӯст, матоъ ё чарм боқӣ мемонад, пораҳои майдаи чарм, матоъ *ва г.* 2. хурд, майда, камсинну сол.

**РЕЗЕРВАТСИЯ** *лот.* ریزیروتسیه мавзеи иқомати маҷбурии ҳиндуёни маҳаллӣ дар Амрико, Канада *ва г.*

**РЕЗИДАН** ریزیدن рехтан, рехта шудан; *маҷ.* аз ҳам ҷудо рехтан, фарсуда шуда рехтан.

**РЕЗИДЕНТ** *лот.* ریزیدینت 1. намояндаи дипломатии давлате дар мамлакати дигар; шаҳрванди ягон мамлакат, ки дар мамлакати хориҷӣ сокини муқимӣ шудааст. 2. намояндаи махфии ҷосусии давлати хориҷӣ дар дохили мамлакати дигар, ҷосуси амалкунанда дар ҷои муайяни мамлакате.

**РЕЗИН//РЕЗИНА** *лот.* ریزین//ریزینه маводи чандире, ки аз каучук *ва г.* ба даст меояд.

**РЕЗИНВОР** ریزینوار монанди резин, кашишдор, чандир, ёзанда.

**РЕЗИНӢ** ریزینی *мансуб ба* **резин**; аз резин сохташуда: **дастпӯшаки резинӣ**.

**РЕЗИНПӮШ** ریزین‌پوش он чи болояш бо резин пӯшида шуда ё ба ғилофи резинӣ печонда шудааст; **сими резинӣ** симе, ки лифофаи резинӣ дорад.

**РЕЗИШ** ریزش 1. *исми феълӣ аз* **рехтан**; амали рехтан, рехташавӣ. 2. реше, ки аз он ҳамеша зардоб ва чирк меояд.

**РЕЗИШГОҲ** ریزشگاه ҷои резиши об, ҷое ки оби дарё омада, ба кӯл ё баҳр ҳамроҳ мешавад.

**РЕЗОН** ریزان *феъли ҳоли замони ҳозира аз* **рехтан**; дар ҳолати резиш, рехта истода; **фурӯрезанда** 2.

**РЕЗОНАНС** *фр.* ریزاننس тағйир, инъикос, бозтоб.

**РЕЗОНДАН** ریزاندن 1. *феъли бавосита аз* **рехтан**. 2. рехтани чизҳои обакӣ ва шоранда. 3. рехтани касе ин чизҳоро бо амри каси дигар; **обрӯи** *касеро* **резондан** касеро беҳурмат кардан, расвову бадном намудан.

**РЕЗМАВҶ** ریزموج *нав.* мавҷ ва лаппишҳои ноаёни физикӣ.

**РЕЗПАРДОЗАНДА** ریزپردازنده *нав., итт.* резтарошае (*обзори компютер*), ки ҳангоми барномарезӣ аз он барои корҳои ҳисобу китоб ва дигар барномаҳои худкори компютерӣ истифода мешавад; микропротсессор.

**РЕЗСАНГ** ریزسنگ *нав.* микрометр, андозагири хурдтарин ченаки масофа.

**РЕЗТАРОША** ریزتراشه *нав., итт.* тикаи бисёр хурди резин аз ҷинси силисиум ва маводи монанди он барои барномарезии компютерӣ, микрокип.

**РЕЗФИЛМ** ریزفیلم *нав.* микрофилм.

**РЕЙС** *олм.* ریس роҳе, ки киштӣ, ҳавопаймо ё автомобил аз оғоз то охири хати сайри муайяне тай мекунад, рафтуомад.

**РЕЙТИНГ** *англ.* ریتینگ эътибор, мақом, обрӯ, дараҷаи маҳтубият ва машҳур будани шахсиятҳои барҷаста.

**РЕКЛАМА** *фр.* ریکلمه бо роҳҳои гуногун таъриф ва таблиғ намудани моле ва ё чизи дигаре барои ҷалби назари харидорон, тамошобинон *ва г.*, паёми бозаргонӣ, эълони тиҷоратӣ.

**РЕКЛАМАДИҲАНДА** ریکلمه‌دهنده эълондиҳанда, эълонкунанда.

**РЕКОРД** *англ.* ریکارد ҳадди баландтарини муваффақияти ба даст даровардашуда дар истеҳсолот, варзиш *ва г.*; **рекорд гузоштан дар коре** гӯи сибқат рабудан, пешӣ гирифтан.

**РЕКОРДӢ** ریکاردی он чӣ ба дараҷаи рекорд расидааст, дараҷаи аз ҳама баландтарини коре ё муваффақияте: **ҳосли рекордӣ**.

**РЕКОША//РЕКОСА** ریکاشه//ریکاسه *кит.* хорпушт, хорпушти калон.

**РЕКТОР** *лот.* رکتار сардор ё роҳбари мактаби олӣ, раиси мактаби олӣ.

**РЕКТОРАТ** *лот.* رکتارت маъмурияти идораи мактаби олӣ, ки ба он ректор сардорӣ мекунад.

**РЕЛЕ** *фр.* ریلی *тех.* асбоби пайвасти худкори занҷири барқӣ ҳангоми таъсири амали берунӣ.

**РЕЛЙЕФ** *фр.* ریلیف 1. нақши барҷаста дар сатҳи ҳамвор. 2. сохти сатҳи Замин ва сайёраҳои дигар.

**РЕЛС** *англ.* ریلس милҳои оҳании роҳи оҳан, ки қатора аз болои онҳо ҳаракат мекунад.

**РЕЛССОЗӢ** ریلس‌سازی истеҳсоли релсҳои (милҳои) оҳании роҳи оҳан.

**РЕНТГЕН** *олм.* رنتگین *тиб.* муоинаи бадан бо шуоъҳои рентгенӣ.

**РЕНТГЕНӢ** رنتگینی *мансуб ба* **рентген**; **шуоъҳои рентгенӣ** шуоъҳои диданашавандае, ки дорои мавҷҳои электромагнитӣ буда, аз даруни ашёи ғайришаффоф гузашта метавонад.

**РЕПЕРТУАР** *фр.* ریپرتوئر 1. маҷмӯи асарҳое, ки дар театре ба саҳна гузошта мешаванд. 2. маҷмӯи ролҳо ва асарҳои мусиқӣ, ки як ҳунарпеша иҷро мекунад.

**РЕПОРТАЖ** *фр.* رپارتژ хабар дар бораи ҳодисаҳои рӯзмарра, ки дар рӯзномаҳо нашр ё бо радио ва телевизион паҳн карда мешавад, хабарнигорӣ, воқеанигорӣ.

**рес** ریس 1. *асоси замони ҳозираи феъл аз* **ресидан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* ресанда: **пашмрес**, **ресмонрес**, **калобарес**.

**РЕС** ریس нахи бофта.

**РЕСАНДА** ریسنده он ки ресмон метобад, нахрес.

**РЕСАНДАГӢ** ریسندگی амали ресанда, пашм ё пахтаро тофта ба шакли ресмон даровардан.

**РЕСИДАН** ریسیدن риштан, тобидан, пахта ё пашмро тобида ресмон кардан.

**РЕСМОН** ریسمان риштаи тобидашуда аз пашм,

пахта *ва г.*

**РЕСМОНБАНД** ریسمان‌بند бо ресмон басташуда, дар банд баста.

**РЕСМОНБОЗ** ریسمان‌باز дорбоз, касе, ки болои ресмон бозӣ ва рақс мекунад.

**РЕСМОНБОЗӢ** ریسمان‌بازی *ниг.* **дорбозӣ**.

**РЕСМОНБОФ** ریسمان‌باف он ки риштаҳои пашм ва рахташро бо ҳам метанад.

**РЕСМОНБОФӢ** ریسمان‌بافی корва амали ресмонбоф, бофтани ресмон, риштан ва ё тобидани ресмон.

**РЕСМОНӢ** ریسمانی *мансуб ба* **ресмон**; нахӣ, аз пахта ришташуда, аз ҷинси ресмон.

**РЕСМОНМОНАНД** ریسمان‌مانند монанди ресмон, шабеҳи ресмон.

**РЕСМОНПЕЧОНӢ** ریسمان‌پیچانی печонидани ресмон, тоб додани ресмон.

**РЕСМОНРЕС** ریسمان‌ریس он ки аз пахта, пашм *ва г.* ришта (нах) мересад, ресанда.

**РЕСМОНРЕСӢ** ریسمان‌ریسی тайёр кардани ришта ва нах аз пахта, пашм *ва г.*; **чархи ресмонресӣ** олати нахресии дастӣ, ки дар он нахи тобидашуда ба даври чархи чӯбин мепечад.

**РЕСМОНТОБ** ریسمان‌تاب он ки ришта мересад, нахрес, ресанда.

**РЕСМОНҶАЛЛОБ** ریسمان‌جلّاب *кӯҳн.* он ки мол ё маҳсули ресмониро аз ресмонбофон харида, ба нархи гаронтар мефурӯшад.

**РЕСМОНШАКЛ** ریسمان‌شکل ба ресмон монанд.

**РЕТСЕПТ** *лот.* رتسیپت руқъаи духтур ба дорусоз дар бораи дору ва миқдори он, ки бояд тайёр карда шавад, бо нишондоди тарзи истеъмоли он барои бемор.

**РЕФЕРАТ** *лот.* ریفیرت баёни мухтасари лафзӣ ё хаттии асари илмӣ, мазмуни мухтасари китобе.

**РЕФЕРЕНДУМ** *лот.* ریفیریندم овоздиҳии умумихалқӣ барои ҳалли ягон масъалаи муҳимми давлатӣ, ҳамапурсӣ.

**РЕФЕРЕНТ** *лот.* ریفیرنت 1. он ки реферат мехонад. 2. он ки аз рӯи масъалаҳои муайян маърӯза мекунад ё мушовир мебошад.

**РЕФЛЕКС** *лот.* ریفلکس *ниг.* **бозтоб**.

**РЕХАН//РИХАН** ریخن касе ё ҳайвоне, ки бемории исҳол дорад, дарунрав.

**РЕХТА** ریخته 1. *феъли ҳол ва сифати феълии замони гузашта аз* **рехтан**. 2. чизҳои обакӣ ё шоранда, ки ба ҷое рехтааст. 3. зарфҳои филизӣ, ки бо роҳи филизро гудохта, ба қолиб рехтани он сохта шудаанд. 4. одам ё аспе, ки аз ҳамнавъони худ хурдтар, хушнамотар ва пургӯшттар мебошад; **пайкари рехта**; **рехта омадан** сарозер гаштан, зер карда омадан, тӯб шуда омадан (*ба сари чизе*).

**РЕХТАГАР** ریخته‌گر он ки филизотро гудохта, ба қолибҳо рехта, асбоби гуногун месозад, оҳангудоз.

**РЕХТАГАРӢ** ریخته‌گری 1. амали рехтагар, гудохтани филиз ва сохтани асбобу дастгоҳҳои филизӣ, оҳангудозӣ. 2. корхонаи рехтагарӣ, рехтагархона.

**РЕХТАГАРХОНА** ریخته‌گرخانه *ниг.* **рехтагарӣ** 2.

**РЕХТАГӢ** ریختگی шоридагӣ, рафтагӣ (*барои моеот*), вазъ ва ҳолати рехта, резиш; оҳане, ки дар шакли гудохта ба қолаб рехта абзоре аз он сохта мешавад.

**РЕХТАН** ریختن 1. равон шудан, ҷорӣ гаштан: **ашк рехтан** оби дида равон кардан, гиристан. 2. чизҳои обакӣ ва шорандаро аз зарфе ба зарфе гардондан ё ба замин пошидан (пароканда кардан), ҷорӣ кардан. 3. сарозер шудан, пошида шудан, аз ҳам пошида фурӯ афтодан; **рехтани хок**. 4. чизеро пошидан, андохтан: **нурӣ рехтан**. 5. филизеро гудохта, ба қолибҳои гуногун андохта сохтан (*чизеро*); **хишт рехтан** лойро ба қолиби махсус андохта хишт сохтан; **об рехтан ба сари** *касе* (*чизе*) нобуд кардан касеро (чизеро); **ба сари мардум рехтан** баногоҳ ҳуҷум кардан, пахш карда омадан.

**РЕХТАПАЙКАР** ریخته‌پیکر одами хурдҷуссаи фарбеҳи тановар.

**РЕХТАПО** ریخته‌پا аспе, ки поҳояш хубу мутаносиб афтодааст.

**РЕХТШИНОСӢ** ریخت‌شناسی *бот.* бофтшиносӣ, морфология, ҳуҷайрашиносӣ.

**РЕҲ** *а.* ریح 1. бод, шамол. 2. бӯй.

**РЕҲЛАТ** *а.* رحلت 1. кӯчидан, кӯч кардан. 2. *маҷ.* аз ин дунё рафтан, мурдан; **реҳлат кардан** аз дунё рафтан, даргузаштан, мурдан.

**РЕЧОР//РЕЧОЛ** ریچار//ریچال *кит.* 1. мураббо, мураббои меваҳои гуногун, ки дар шиннӣ пухта шудааст. 2 *маҷ.* гапи беҳуда, гапи беҷо, сафсата, гапи бесару нӯг.

**РЕҶА** ریجه накша, барнома; **реҷа кашидан** нақшаеро пешбинӣ кардан, барнома сохтан.

**РЕШ** ریش ҷароҳате, ки дар бадан пайдо мешавад (*бе захм задан*); **реши равон** ҷароҳате, ки аз он чирку хун ҷорист, захми беҳнашаванда; **дили реш** дили дардманд, синаи маҷрӯҳ, **синаи реш**; **дили** *касе* **реш шудан** азоб кашидан, азият додан; **реш-реш гардидан (шудан)** чок шудан, маҷрӯҳу абгор гардидан.

**РЕША** ریشه 1. қисми зерихокии растаниҳо, ки аз хоку об моддаҳои ғизоиро ҷаббида мегирад, бех, бун. 2. сабаби аслӣ, моҳияти ҳар чиз. 3. асли калима бе ванд (пешванд, пасванд ва миёнванд); **реша давондан** а) бехи худро паҳн кардан; б) мустаҳкам шудан, устувор ҷой гирифтан (*дар маҳалле*); **решаи чизеро кандан** чизеро тамоман барҳам додан, нобуд кардан; **ба решаи** *касе* (*чизе*) **теша задан** ба нобудии касе ё чизе кӯшидан; **то реша дар об аст**, **умеди самаре ҳаст** (*зарб.*).

**РЕШАБАРАНДОЗ** ریشه‌برانداز *маҷ.* нобудкунанда, аз реша нобудкунанда, аз бехи бун канда партоянда.

**РЕШАГӢ** ریشگی *мансуб ба* **реша**.

**РЕШАДОР** ریشه‌دار 1. гиёҳе, ки бехи паҳни устувор дорад. 2. *маҷ.* мустаҳкам, пойдор.

**РЕШАЁБӢ** ریشه‌یابی 1. пайдо кардани аслу сабаби пайдоиши чизе. 2. *збш.* таҳқиқ ва пайдо кардани решаи вожаҳо ва калимаҳо.

**РЕШАӢ** ریشه‌ائی *ниг.* **решагӣ**.

**РЕШАКАН** ریشه‌کن :**решакан кардан (намудан)** а) дарахте ё гиёҳеро аз бех канда бурида партофтан; б) нобуд кардан, барҳам додан, нест кардан.

**РЕШАКАНӢ** ریشه‌کنی аз байн бурдан, аз беху бун баркандан.

**РЕШАКАШ** ریشه‌کش *тиб.* дар дандонпизишкӣ абзоре, ки бо он решаи дандонҳоро мекашанд.

**РЕШАКОВ** ریشه‌کاو :**решаков кардан** а) дарахт ё гиёҳеро аз бех канда партофтан; б) чизеро тамоман несту нобуд кардан.

**РЕШАКОВӢ** ریشه‌کاوی амали решаков, аз бех ва аз реша канда гирифтани дарахт.

**РЕШАСӮЗ** ریشه‌سوز он чи решаи гиёҳеро сӯзонда нобуд мекунад.

**РЕШАЧА** ریشچه решаи хурд.

**РЕШИН** ریشین *кит.* озурда, андӯҳгин, ғамгин.

**РЕШАШИНОС** ریشه‌شناس *нав., збш.* мутахассис ва коршиноси шинохти решаи калимаву вожагон.

**РЕШАШИНОСӢ** ریشه‌شناسی *нав., збш.* бахши илми забоншиносӣ, ки шаклҳои таърихии калимаҳо ва тағйиру таҳаввули онҳоро меомӯзад.

**РЕШАШИНОХТӢ** ریشه‌شناختی *нав. марбут ба* **решашиносӣ**.

**РЕШИДА** I ریشیده *кит.* 1. фаши сала. 2. матои абрешимии накшин.

**РЕШИДА** II ریشیده 1. *феъли ҳол ва сифати феълии* **решидан**. 2. *маҷ.* рангпарида.

**РЕШИДАН** ریشیدن *кит.* захмӣ шудан, маҷрӯҳ шудан.

**РЕЪДА//РАЪДА** *а.* رعده *кит.* ларза, ҷунбиш.

**РИБҚА** *а.* ربقه *кит.* 1. ҳалқаи ресмон, ҳалқаи ришта. 2. юғ, гарданбанд.

**РИБО** *а.* ربا суд, фоидае, ки қарздиҳанда аз қарзгиранда меситонад, судхӯрӣ.

**РИБОХОР//РИБОХӮР** رباخوار//رباخور он ки пул ба қарз дода ва аз он фоида мегирад, судхӯр.

**РИБОХОРӢ** رباخواری шуғлу амали рибохор, судхӯрӣ.

**РИБОХӮР** رباخور *ниг.* **рибохор**.

**РИБОХӮРӢ** رباخوری судхӯрӣ.

**РИВОҶ** *а.* رواج 1. равнақ, пешрафт, тараққӣ. 2. равоӣ; *муқоб.* **касод**; ривоҷ гирифтан (ёфтан) пеш рафтан, равнақ пайдо кардан, тараққӣ

кардан, зиёд шудан; **ривоҷ додан** пеш бурдан, тараққӣ кунондан, равнақ додан; **ривоҷ доштан** дар ҳоли равнақ ва пешравӣ будан; **ривоҷ гирифтани бозори** *чизе* зиёд будани талаб ба чизе, серхаридор ва часпон будани бозори чизе; маъмул будан, роиҷ будан, мутадовил: **ривоҷ ёфтан** ривоҷ гирифтан.

**РИВОҶДИҲАНДА** رواجدهنده он ки ва ё он чи боиси тараққӣ ва пешрафти коре мешавад, пешбаранда.

**РИВОҶНОК** رواجناک равнақнок, тараққикунанда.

**РИВОЯТ** *а.* روایت 1. нақл кардани сухане ё хабаре аз қавли касе, нақл. 2. *таър.* санади навиштаи муфтӣ дар асоси қонунҳои шариат дар бораи ягон масъалаи мурофиавӣ, ки қозӣ истинодан бар он ҳукм мебаровард; **ривоят додан** аз рӯи қонунҳои шариат барои ҳукмбарорӣ асос нишон додани муфтӣ; **ривоят кардан** а) сухане ё хабареро аз қавли касе нақл намудан; б) мувофиқи қонунҳои шариат барои ҳукме асос нишон додан; сухане ё хабареро аз гузаштагон нақл кардан; нақли сухан ё ҳадисе аз зиндагӣ ё суннати пайғамбар, бозҷӯ.

**РИВОЯТКУНАНДА** روایتکننده нақлкунанда, қиссакунанда; бозҷӯкунанда.

**РИВОЯТНИГОР** روایتنگار нигорандаи нақлу ҳодисаҳо.

**РИВОЯТМАҲЗАР** *а.* روایتمحضر ривояте, ки муфтӣ дар асоси шариат менавишт.

**РИДАК** ردک *кит.* ғулом, ғуломи ҷавон.

**РИДДАТ** *а.* ردت аз дин гаштан, махсусан аз дини ислом.

**РИДО** *а.* رداء *кҳн.* ҷомае, ки дар қадим аз болои либосҳои дигар мепӯшиданд, болопӯш, або.

**РИЁ** *а.* ریا худро некӯкор ва покдоман ба қалам додан, ба ҷо овардани коре барои худнамоӣ ва намуди зоҳирӣ, дурӯягӣ, мунофиқӣ; **рӯю риё кардан** а) поси хотири касеро нигоҳ доштан; б) дурӯягӣ (мунофиқӣ) кардан.

**РИЁВАРЗ** ریاورز шахсе, ки покдоманӣ ва накӯкорӣ мекунад.

**РИЁВАРЗӢ** ریاورزی *мансуб ба* **риёварз**; риёварз будан.

**РИЁЗАТ** *а.* ریاضت 1. тоб овардан ба ранҷу машаққат, сахтӣ, азоб; машқи варзишӣ, таълим додани ҷонварон, махсусан асп; **риёзат додан** *маҷ.* ранҷу азоб додан касеро, **риёзат кардан** ранҷу заҳмат кардан: **риёзати шоққа** меҳнати сахт, порсоӣ, зоҳидӣ. 2. гӯшанишинӣ, парҳезгорӣ бо мақсади ибодат, зоҳидӣ; **риёзат кашидан** ранҷ бурдан, ба машаққат тоб овардан дар роҳи расидан ба мақсаде.

**РИЁЗАТКАШ** ریاضتکش он ки бо мақсади расидан ба камолот ба худ ранҷу машаққатро раво мебинад, азобкашанда, ранҷкашанда.

**РИЁЗАТКАШӢ** ریاضتکشی азобкашӣ, ранҷкашӣ.

**РИЁЗИДОН** ریاضیدان шахсе, ки илми риёзиро медонад.

**РИЁЗИЁТ** *а.* ریاضیات илми адад, математика, шумор, шуморнома.

**РИЁЗӢ** *а.* ریاضی *мансуб ба* **риёзиёт**; *мансуб ба* **шумор**.

**РИЁКОР** ریاکار он ки худро дар зоҳир порсову покдоман нишон медиҳад, дурӯя, мунофиқ, порсои зоҳирпараст.

**РИЁКОРӢ** ریاکاری амал ва ҳолати риёкор, мунофиқӣ, дурӯягӣ.

**РИЁКОРОНА** ریاکارانه аз рӯи зоҳирфиребӣ, дурӯягӣ ва мунофиқӣ.

**РИЁЛ** ریال воҳиди пулӣ дар Эрон ва як қатор мамлакатҳои араб.

**РИЗВОН** *а.* رضوان 1. хушнудӣ, хурсандӣ, ризомандӣ. 2. *маҷ.* биҳишт.

**РИЗҚ** *а.* رزق хӯрок, қути ҳар рӯза; **ризқ ёфтан** барои худ хӯрокӣ ба даст овардан; васоили зиндагӣ фароҳам кардан; **ризқи мақсум** ризқи қисматшудаи рӯзмарра, насиб.

**РИЗО** *а.* رضا 1. хушнудӣ, хурсандӣ, розигӣ, қаноатмандӣ. 2. хушнуд, хурсанд, розӣ, қаноатманд; **ризо ба қазо додан** таслим шудан ба пешомад, ба сарнавишти худ қонеъ будан; **ризо шудан** розӣ будан, тан додан; **барои ризои хотири** *касе* барои хурсандии касе; **ризо додан** розигӣ додан, қаноат кардан; ◊ **дар мақоми ризо будан** ба сарнавишти худ розӣ будан.

**РИЗОИЯТ** *а.* رضائیت *ниг.* **ризоӣ**.

**РИЗОӢ** رضائی ризомандӣ, розигӣ, хушҳолӣ, хушнудӣ; **ризоӣ додан** розӣ шудан, розигии худро изҳор кардан.

**РИЗОМАНД** رضامند розӣ будан, хушҳол будан.

**РИЗОМАНДӢ** رضامندی розигӣ, хушнудӣ, хурсандӣ.

**РИЗОҶӮ** رضاجو он ки хушнудии касеро мехоҳад, хоҳони ризояти касе.

**РИЗОҶӮӢ** رضاجویی хостани ризои хотири касе, ба ҷо овардани коре барои ризоманд гардонидани касе, кӯшидан ба хурсандии касе; **ризоҷӯӣ кардан** барои ба даст овардани ризомандӣ ва хурсандии касе кӯшидан.

**РИЗОЪ** *а.* رضاع ширхорагӣ, давраи ширхӯрии кӯдак.

**РИЗОЯТ** رضایت ризомандӣ, розигӣ, хушнудӣ, хурсандӣ, розӣ шудан.

**РИЗОЯТМАНД** رضایتمند *ниг.* **ризоманд**.

**РИЗОЯТМАНДӢ** رضایتمندی *ниг.* **ризомандӣ**.

**РИЗОЯТНОМА** رضایت نامه номае, ки дар он ризоятмандӣ оид ба чизе баён ёфтааст, хати розигӣ.

**РИКОБ** I *а.* رکاب ҳалқаи оҳанӣ, ки аз ду тарафи зини асп ё хар овезон карда, вақти саворӣ панҷаҳои поро ба он медароранд, узангу; **дар рикоби**... дар ҳузури..., дар мулозимати... (*амир, ҳукмрон*); **дар рикоб будан** дар мулозимат ва ҳузури амир ё ҳукмроне будан; **ба рикоб омадан** ба дарбори ҳукмрон ҳозир шудан.

**РИКОБ** II *а.* رکاب *кит.* пиёла, ҷом, қадаҳ, соғар, май.

**РИКОБДОР** رکاب دار *кит.* мулозиме, ки вақти аспсаворӣ бузургон узангуи аспро нигоҳ медошт ва дар савор шудани вай ёрӣ медод.

**РИҚБА//РИҚБАТ** *а.* رقبه//رقبت чизеро ба тахти назорат ва мушоҳида гирифтан, дар паи чизе шудан.

**РИҚҚАТ** *а.* رقت меҳрубонӣ, нармдилӣ, шафқат.

**РИҚҚАТАНГЕЗ** رقّت انگیز он чи ҳисси дилсӯзӣ ва шафқат ба амал меорад.

**РИҚҚАТОВАР** رقّت‌آور *ниг.* **риққатангез**.

**РИҚОҚ//РУҚОҚ** *а.* رقاق нони тунук, нони нозук.

**РИҚОЪ** *а.* رقاع *таър.* яке аз тарзҳои навишт дар хатти арабӣ.

**РИМ** I ریم чирки ҷароҳат: **рим кардан** чирк кардан, чирк гирифтан.

**РИМ** II ریم навъи сафедор, рем.

**РИМА** ریمه чирки кунҷи чашм ва бехи мижгонҳо, хилд, хилдиқ.

**РИМДОР** ریم دار дорои рим, чиркдор.

**РИМӢ** ریمی *мансуб ба* **Рум**; **рақамҳои римӣ**.

**РИМКАШ** ریم‌کش чирк гирифтан, фасод гирифтан.

**РИМНОК** ریمناک *ниг.* **римдор**.

**РИНГ** *англ.* رینگ майдончаи муштзанӣ.

**РИНД** رند 1. зирак, ҳушёр, бебок. 2. он ки нисбат ба фармудаҳои шариат ва оину русуми ҷории ҷамъиятӣ бепарво мебошад, лоқайд, озодфикр.

**РИНДӢ** رندی кирдор ва рафтори ринд, лоқайдӣ, айёшӣ, озодфикрӣ.

**РИНДОНА** رندانه риндӣ; бебокона.

**РИОЯ//РИОЯТ** *а.* رعایه//رعایت посдорӣ, нигоҳдорӣ, мулоҳиза; эҳтиром, нигоҳ доштани поси хотири касе; **риояти интизом** нигоҳдории тартибу қоида; **риоят кардан** пос доштан, нигоҳ доштан, мулоҳиза кардан, меҳрубонӣ изҳор намудан, тарафгирӣ ва ҳимоя кардан; **риоят кардан** поси хотири касеро нигоҳ доштан, навозиш ва меҳрубонӣ кардан дар ҳаққи касе.

**РИСОЛА** *а.* رساله 1. мактуб, нома, хат; китоби хурд, китобча. 2. асар, асари илмӣ оид ба ягон масъала. 3. *таър.* маҷмӯаи оину қоидаҳои косиб ва ҳунармандон.

**РИСОЛАТ** *а.* رسالت *ниг.* **рисола**; 1. сафирӣ. 2. *д.* нубувват, пайғамбарӣ, расулӣ аз тарафи Худо ба бандагон.

**РИТЛ** *а.* رطل *ниг.* **ратл** II.

**РИТМ** *ю.* ریتم такрори мунтазами унсурҳои (ҷузъҳои) маълум дар садо, оҳанг, зарб, ки

дар мусиқӣ мавзуният ба вуҷуд меорад.

**РИФҚ** *а.* رفق *кит.* нармӣ, мулоимат, мадоро, меҳрубонӣ, лутф.

**РИФОҲ** *а.* رفاه *ниг.* **рафоҳ**.

**РИХ** ريخ 1. саргини обакии одам ва ҳайвонот, пасафканд. 2. чирки чашм, хилм.

**РИХИН** ريخين шикамрав, олуда ба пасафканд; **як гӯсолаи рихин подаро ҳаром мекунад** (*зарб.*).

**РИХИНАК** ريخينک доначаҳои майда дар пӯсти одам, гармича.

**РИХИНАКДОР** ريخينک дорои гармича, гармича доштан.

**РИҶО** *а* رجاء *кит.* умед, орзу, умедворӣ, чашмдошт.

**РИШ** ريش мӯйҳои рӯй ва зери манаҳи мардон; **риши кулӯта** риши лӯнда ва гирда; **ришу фаш** салобатнокӣ ва синну сол; **риш мондан** мӯйҳои рӯйро натарошида нигоҳ доштан; **риши худро дар роҳи** *чизе* **сафед кардан** дар расидан ба мақсаде бисёр кӯшиш карда таҷрибаи зиёд андӯхтан.

**РИШВА(Т)** *а.* رشوه//رشوت пул ё чизе ки барои пеш бурдани коре ё баровардани ҳукме бар хилофи қонун ба каси мансабдоре дода мешавад, пора; **ришва гирифтан (хӯрдан)** пора ситондан, аз касе чизе ё маблағе гирифта кореро бар хилофи қонун ба ҷо овардан; **ришва додан** барои пеш бурдани коре ба мансабдоре пул ё чиз додан, пора додан.

**РИШВАГИР** رشوه‌گير гирандаи пора, ришвахӯр, порахӯр.

**РИШВАГИРӢ** رشوه‌گيرى ришвахӯрӣ, порагирӣ, порахурӣ, ришваситонӣ, коррупсия.

**РИШВАДИҲАНДА** رشوه‌دهنده порадиҳанда, диҳандаи пора.

**РИШВАСИТОН** رشوه‌ستان *ниг.* **ришвагир**.

**РИШВАСИТОНӢ** رشوه‌ستانى *ниг.* **ришвагирӣ**.

**РИШВАХОР//РИШВАХӮР** رشوه‌خوار//رشوه‌خور он ки пора мегирад, порагиранда, порхӯр, порагир, порахор.

**РИШВАХӮРӢ** رشوه‌خورى порагирӣ, порахӯрӣ, гирифтани ришва, гирифтани пора, коррупсия.

**РИШГИРАК** ريش‌گيرک мошинаи барқии махсуси ришгирӣ (риштарошӣ).

**РИШГОВ** ريش‌گاو *кит.* аҳмақ, аблаҳ, гоч; хомтамаъ.

**РИШДАРОЗ** ريش‌دراز марде, ки дорои риши дароз аст, дорандаи риши дароз, дарозриш.

**РИШДОР** ريش‌دار он ки риш баровардааст ё ришаш нотарошида аст, дорандаи риш.

**РИШК** رشک тухми шабуш, гардак, сабӯсак.

**РИШКАЛОН** ريش‌کلان марде, ки риши калону анбӯҳ дорад, дорандаи риши анбӯҳ ва калон.

**РИШҚА** رشقه *гуфт.* алафи беда, юнучқа.

**РИШНОК** ريشناک ришдор, дорои риш.

**РИШСАФЕД** ريش‌سفيد дорои риши сафед, сафедриш, мӯйсафед, батаҷриба, ба обурӯй.

**РИШСИЁҲ** ريش‌سياه марде, ки мӯйҳои ришаш ҳанӯз сафед нашудааст.

**РИШТ** رشت *кит.* табиат, ниҳод, сиришт.

**РИШТА** I رشته ресида, тобидашуда; ресмон, нах; **риштаи марворид** ресмоне, ки ба он донаҳои марворид чида шудааст, шаддаи марворид; **сари риштаи худро гум кардан** чӣ кор кардани худро надониста мондан; **риштаи дӯстиро буридан** бо касе тарки робита кардан, алоқаи улфат ва рафоқатро кандан; **ба риштаи назм кашидан** ба назм даровардан, мавзӯеро дар шакли манзум баён кардан; **риштаи фикри (хаёли)** *касеро* **буридан (кандан)** ба фикрронии касе халал расонидан; **риштаи дӯстӣ** пайванди рафоқат.

**РИШТА** II رشته *тиб.* пайдо шудани чизи кирммонанди сафеди сард дар зери пӯсти бадан дар натиҷаи нӯшидани обҳои истодаи гандида ва табоҳшуда: **бемории ришта**.

**РИШТААЛАФ** رشته‌علف алафҳои риштамонанд.

**РИШТАЙ** رشته‌ئى *мансуб ба* **ришта**.

**РИШТАКАШ** رشته‌کش он ки кирми риштаро аз таги пӯст кашида мегирад.

**РИШТАМОНАНД** رشته‌مانند монанди ришта, ба сони ришта.

**РИШТАН** رشتن ресидан, тобидан (*пашм ё пахтаро*), тофтан.

**РИШТАРОШ** ریش تراش тарошандаи риш, он ки ё он чи барои риштарошӣ истифода мешавад.

**РИШТАРОШАК** ریش‌تراشک поку, асбоби риштарошӣ.

**РИШТАРОШИДА** ریش‌تراشیده марде, ки ришаш тарошида аст.

**РИШТАРОШӢ** ریش‌تراشی амали риштарош, тарошидани мӯҳои рӯй бо поку *ва г.*

**РИШТАШАКЛ** رشته‌شکل ба шакли ришта, монанди ришта.

**РИШТУНУК** ریش‌تنک камриш, бузриш; кӯса.

**РИШХАНД** ریش‌خند масхара, истеҳзо, мазоҳ.

**РИШХАНДОМЕЗ** ریش‌خندآمیز масхараомез, истеҳзоомез.

**РИШҶУНБОНӢ** ریش‌جنبانی *маҷ.* тамаллуқ, рафтори хушомадомез, балегӯӣ.

**РОБИТА** رابطه бастагии байни ду чиз, пайванд, бастагӣ, алоқа.

**РОБОТ** *ч.* رابات дастгоҳи маснӯии шабеҳ ба одам, ки ин ё он корро тибқи барнома иҷро мекунад.

**РОВ** راو растании кӯҳии соқааш ғафси сафед, ки хӯроки чорпост.

**РОВАД** راود *кит.* ҷое, ки марғзор, обҳои равон ва пуштаҳо дорад.

**РОВАК** راوک *кит.* соф, пок, холис, софу беғубор.

**РОВАКӢ** راوکی *кит.* соф, беғаш, холис, тоза.

**РОВАРО//РААВРО** راورا//رأورا хорпушт, чайра.

**РОВӢ** *а.* راوی он ки хабар ё суханеро аз қавли дигаре нақл (ривоят) мекунад, ривояткунанда; **ровиёни ахбор** ривояткунандагони хабарҳо.

**РОҒ I** راغ шикофи байни ду табақаи дар.

**РОҒ II** راغ домани кӯҳ, чаманзор, марғзор.

**РОҒА-РОҒА** راغه راغه ҳалқа-ҳалқа.

**РОҒДАНДОН** راغ‌دندان он ки дар байни дандонҳояш фосила мавҷуд аст.

**РОҒДОР** راغ دار шикофдор.

**РОҒИБ** *а.* راغب моил, хоҳон, толиб, рағбатдор (*ба ягон чиз*).

**РОҒӢ** راغی *мансуб ба* **Роғ (маҳал)**.

**РОД** راد *кит.* сахӣ, ҳимматбаланд, ҷавонмард.

**РОДӢ** رادی *кит.* олиҳимматӣ, олиҷаноб, сахӣ.

**РОДМАНИШ** رادمنش табиати мардона, ҷавонмардона, ҷавонмард, озодмард.

**РОДМАНИШӢ** رادمنشی *мансуб ба* **ҷавонмардӣ**; ҷавонмардӣ озодагӣ.

**РОДМАРД** رادمرد марди сахӣ, дасткушод, баландҳиммат, ҷавонмард, озодмард.

**РОДМАРДӢ** رادمردی ҷавонмардӣ, олиҳимматӣ.

**РОЗ** راز он чӣ дар замири дил аст, матлаби пинҳонӣ, сирри дил.

**РОЗАК** رازک гиёҳи бисёрсолаи муаттар, ки дар баъзе аз кишварҳо парвариш карда мешавад.

**РОЗАККОР** رازک‌کار он ки розак кошта парвариш мекунад.

**РОЗАККОРӢ** رازک‌کاری коштан ва парвариши розак.

**РОЗГӮЙ** رازگوی гӯяндаи роз.

**РОЗДОН** رازدان он ки сирри ниҳони касеро медонад, воқиф ба сирру асрори касе, дӯсти содиқ, ҳолдон.

**РОЗДОНӢ** رازدانی сирдонӣ, ҳолдонӣ, аз ҳолу аҳволи касе хабардор будан.

**РОЗДОР** رازدار securing рознигаҳдор, он ки сирри касеро медонад, шахси мӯътамад, одами дилпур.

**РОЗДОРӢ** رازداری сирнигоҳдорӣ, доштани сир.

**РОЗИГӢ** راضیگی ризоят, розӣ будан, қонеъшавӣ, хурсандӣ.

**РОЗИЁНА** راضیانه тухми растании хушбӯи ба зира монанд, ки дар тиб ба кор меравад, бодиён.

**РОЗИҚ** *а.* رازق рӯзидиҳанда, расонандаи тӯшаи ҳаррӯза (яке аз сифатҳои Худо).

**РОЗӢ** *а.* راضی хушнуд, хурсанд, қонеъ.

**РОЗКУШО** رازکشا кушояндаи роз, асроркушо.

**РОЗКУШОӢ** رازکشائی кушодани роз, ифшонроз.

**РОЗНИГАҲДОР** رازنگه‌دار *ниг.* **роздор**.

**РОИЗ** *а.* رایض *кит.* тарбияткунанда ё ромкунандаи асп ва монанди он.

**РОИҚ** *а.* رایق олӣ, хушоянд, пешрафта, мутараққӣ, устувор.

**РОИҲА** *а.* رایحه бӯй, бӯи хуш.

**РОИҶ(А)** *а.* رایج//رایجه ҷорӣ, равон, мутадовил, он чи ки дар истеъмол бошад (*мас.*, *пул*).

**РОӢ** *а.* رائی 1. чӯпон, подабон, галабон. 2. *маҷ.* ҳоким, амир.

**РОЙ** I رای раъй, фикр, ақида.

**РОЙ** II رای *ниг.* **роҷа**; лақаби ҳукмдорон ва ашрофони Ҳинд.

**РОЙГОН** رایگان муфт ба даст даромада, муфт, бепул.

**РОЙЗАН** رایزن мушовир, маслиҳатдиҳанда, гӯяндаи фикр ва мулоҳизаи нек.

**РОЙЗАНӢ** رایزنی машваратхона, масли–ҳатхона, ҷойи рой задан.

**РОЙСОЗ** رای‌ساز *кит.* маслиҳатгар, машваратдиҳанда, корсоз.

**РОЙШИНОС** رای‌شناس *кит.* касе, ки баду неки корро дониста, маслиҳатҳоро мулоҳиза мекунад.

**РОК//РОГ** I راک//راگ *мус.* яке аз оҳангҳои шашмақом.

**РОК** II راک *кит.* кӯчқор.

**РОКИБ** *а.* راکب *кит.* савор, саворшуда; савораи асп, ароба ё киштӣ.

**РОКИД** *а.* راکد истода ва беҳаракат, *маҷ.* бедуни фаъолият.

**РОҚИМ** *а.* راقم нависанда, нигоранда; **роқими ин сатрҳо** нигорандаи ин сатрҳо (нигоранда дар ҳаққи худ мегӯяд).

**РОҚӢ** I *а.* راقی *кит.* болораванда, тараққикунанда, касе, ки дар соҳае тараққӣ мекунад.

**РОҚӢ** II *а.* راقی афсунгар, азоимхон, дуохон.

**РОЛ** *фр.* رال 1. ифодаи рафтор ва гуфтори яке аз ашхоси намоишнома дар саҳна аз тарафи ҳунарпеша, нақш. 2. тарз, андоза ва мавқеи иштироки касе дар коре, мавқеъ.

**РОМ** I رام омӯхта, дастомӯз, улфатгирифта, мутеъшуда; **ром кардан** дастомӯз кардан, мутеъ намудан.

**РОМ** II رام рӯзи бисту якуми ҳар моҳи шамсӣ.

**РОМ** III رام *англ.* як навъ шароби сахттаъсир.

**РОМАН** *фр.* رامن 1. *адш.* достони бадеии мансур, ки ягон раванди мураккаби ҳаётӣ ё чандин ҳодисаи аз зиндагӣ гирифташуда ва инкишофи онҳоро тасвир мекунад. 2. муносибати ошиқона дар байни зану мард.

**РОМАННАВИС** رامن‌نویس он ки роман таълиф мекунад, нависанда ва эҷодкунандаи роман.

**РОМАНС** *фр.* رامنس *мус.* оҳанг ё суруди ошиқонаи ҳиссиётангез.

**РОМАНТИЗМ** *фр.* رامنتیزم *адш.* яке аз равияҳои адабӣ дар Аврупо, ки аввалҳои асри 19 дар Олмон ташаккул ёфта, баъдтар дар Фаронса ва мамлакатҳои дигар низ мавқеъ пайдо кардааст.

**РОМАНТИК** *фр.* رامنتیک 1. пайрави романтизм дар адабиёт ва санъат. 2. хаёлпарвар.

**РОМБ** *ю.* رامب *риёз.* чоркунҷае, ки ҳама тарафҳояш баробар буда, аммо гӯшаҳояш баробар намебошанд.

**РОМБШАКЛ** رامب‌شکل ромбмонанд, шабеҳи ромб.

**РОМГАШТА** رام‌گشته дастомӯзшуда, омӯхта; *муқоб.* **ваҳшӣ**.

**РОМИШ** رامش 1. оромӣ, дамгирӣ, роҳат; шодӣ, хушӣ, тараб. 2. лаззат. 3. суруд, нағма.

**РОМИШГАР** رامشگر хонанда ва навозанда, мутриб, сурудхон, муғаннӣ.

**РОМИШГАРӢ** رامشگری *мансуб ба* **ромишгар**; амали ромишгар.

**РОМИШГОҲ** رامشگاه ҷои шодию тараб.

**РОМИШӢ** رامشی *кит.* 1. ромишгар, созанда, мутриб, ҳофиз. 2. хурсандӣ, шодӣ, хушҳолӣ, шодмонӣ.

**РОМКУНАНДА** رام‌کننده он ки чизе ё касеро ба худ ром мекунад.

**РОМКУНӢ** رام‌کنی дастомӯз кардан, улфат кардан, хӯчир кардан.

**РОМНАШАВАНДА** رام‌نشونده ҳайвоне, ки ром (дастомӯз) намешавад, *маҷ.* фармоннобардор, мутеънашаванда.

**РОМРӮЗ** رام‌روز *кит.* рӯзи ром, рӯзи бисту якуми ҳар моҳи шамсӣ.

**РОМШУДА** رام‌شده аҳлишуда, хонагишуда.

**рон** ران 1. *асоси замони ҳозира аз феъли* **рондан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои*, ронанда (*воситаҳои нақлиётӣ ё сухангӯй*): **киштирон**, **суханрон**.

**РОН** ران қисми болоии пои инсон ё ҳайвон аз камар то зону, сон; **рони малах** *маҷ.* чизи бисёр ками назарногиру камарзиш.

**РОНАНДА** راننده он ки чизе ё ҷонвареро меронад, он ки воситаи нақлиётро меронад, шофёр.

**РОНАНДАГӢ** رانندگی касб (шуғл ва кори) ронанда, ронанда будан, рондани воситаҳои нақлётӣ.

**РОНДА** رانده берун карда, матруд, бадарғашуда.

**РОНДАН** راندن 1. равондан, ба ҳаракат водор сохтан, ба роҳ андохтан (*чорпо ё мошинро*). 2. берун кардан, пеш кардан, ҳай карда бароварда фиристодан. 3. бадарға (табъид) кардан. 4. исҳол кардан (*меъда ё шикамро*). 5. шудгор кардан: **бо трактор заминро рондан**. 6. нутқ кардан (намудан), баён кардан: **сухан рондан**.

**РОНДАШУДА** رانده‌شده таркшуда, бадарғашуда, пешкарда.

**РОНИШ** رانش *исми амал аз* **рондан**; рондан.

**РОНОНДАН** رانانده *тарзи бавоситаи* **рондан**; ба рондан водоштан.

**РОСИД** *а.* راصد *кит.* мурокиб; расадкунанда, мунаҷҷиме, киситора ва ё сайёраҳоро мушоҳида мекунад.

**РОСИЛ** *а.* راسل *кит.* ирсолкунанда, фиристанда, роҳикунанда.

**РОСИМ** *а.* راسم *кит.* баҷоорандаи расму одат.

**РОСИХ** *а.* راسخ *кит.* мустаҳкам, устувор, побарҷо; **имони росих** имони мустаҳкам.

**РОСИХДАМ** راسخ‌دم *кит.* он ки фикру андешааш собит мебошад, он ки дар фикраш устувор аст.

**РОСИХҚАДАМ** راسخ‌قدم *кит.* собитқадам, устуворкадам.

**РОСТ** راست 1. он чи дар тарафи рост воқеъ бошад; *муқоб.* **чап**; **дасти рост** а) дасте, ки дар тарафи рости бадан воқеъ аст; б) ҷониби рост. 2. мустақим, бе печу хам; *муқоб.* **кач**; **хати рост**. 3. сухани дуруст, саҳеҳ; ҳақ; *муқоб.* **дурӯғ**; **он чӣ гуфтам ҳақ асту рост**. 4. баробар, расо. 5. муносиб, мувофиқ, мутобиқ: **рост омадан** мувофик омадан, дуруст омадан. 6. *ба шакли ҷамъ* **ростон** одамони поку покниҳод. 7. *мус.* яке аз мақомҳои классикӣ.

**РОСТА** راسته *ниг.* **рост**; *муқоб.* **чаппа**.

**РОСТБАРОМАДА** راست‌برآمده он чи бе печу хам сар ба боло кашидааст.

**РОСТБИН** راست‌بین беғараз, он ки ба масъалае холисона назар мекунад, ҳақиқатбин.

**РОСТГАРО** راست‌گرا *маҷ.* узв ё дорои гироиш ба ҷиноҳи рост; *муқоб.* **чапгаро**.

**РОСТГУФТОР** راست‌گفتار *ниг.* **ростгӯ(й)**.

**РОСТГӮ(Й)** راست‌گو(ی) он ки сухани дурусту ҳаққонӣ мегӯяд; *муқоб.* **дурӯғгӯй** *ва* **каззоб**.

**РОСТГӮША** راست‌گوشه *риёз.* он чи гӯшаҳои рост (қоима) дорад, чоркунҷае, ки гӯшаҳояш росткунҷаанд.

**РОСТДИЛ** راستدل поквиҷдон, некфитрат; содиқ, вафодор.

**РОСТИН** راستین *гуфт.* ҳақиқӣ, воқеӣ.

**РОСТӢ** راستی 1. сидқ, садоқат, дурусткори. 2. мустақимӣ; *муқоб.* **каҷи**. 3. ростгӯӣ, дурусткорӣ.

**РОСТКИРДОР** راست‌کردار *ниг.* **ростkор**.

**РОСТКИРДОРӢ** راست‌کرداری *ниг.* **росткорӣ**.

**РОСТКОР** راست‌کار дурусткор, одами амин, содиқ дар муомила ва рафтор.

**РОСТКОРӢ** راست‌کاری дурустӣ дар муомила бо одамон ва дар муносибат ба кор ва вазифа.

**РОСТКУНҶА** راست‌کنجه *ниг.* **ростгӯша**.

**РОСТҚАВЛ** راست‌قول дуруструфтор, ростгӯ.

**РОСТҚАВЛӢ** راست قولی қавлу гуфтори рост ва дуруст.

**РОСТҚАЛАМ** راست قلم он ки дуруст ва саҳеҳ менависад; *маҷ.* одами ростгӯ, бовиҷдон.

**РОСТНАМО** راستنما он чи дар зоҳир дуруст ба назар меояд.

**РОСТНОКӢ** راست ناکی *гуфт.* 1. рост. 2. рост истода.

**РОСТО** راستا дуруст, саҳеҳ, рост; **ба росто** дуруст, ҳақиқатан, ба ростӣ.

**РОСТОӢ** راستائی тасодуф, бо ҳам нохост рӯ ба рӯ омада мондан.

**РОСТРАВ** راسترو дурусткор, одами нек, одил.

**РОСТФИКР** راستفکر он ки фикру андешаи рост дорад, ростандеш.

**РОСТФИКРӢ** راستفکری андешаи дуруст рондан, ростандешӣ.

**РОСТХАТТА** راستخطّه дорои хати рост, бо хати рост.

**РОСТХАТТӢ** راستخطّی хати рост доштан.

**РОСУ** راسو ҳайвонест калонтар аз муши хонагӣ, рангаш хокистарии зардчатоб, ки мор ва муши одиро шикор мекунад, онро мири мушон ё муши хурмо низ меноманд.

**РОТА** *фр.* راته қисми ҳарбӣ, ки аз се взвод иборат буда, ба ҳайати баталион ворид мегардад.

**РОТИБ** I *а.* راتب собит, устувор, барқарор, мустаҳкам.

**РОТИБ** II *а.* راتب ҳаққи муқаррарӣ; миқдори муайяни хӯроквории якрӯза; маош, қарорӣ.

**РОТИБА** *а.* راتبه *муаннаси* **ротиб** II; маош, нафақа; стипендия.

**РОТИБАХӮР** راتبه‌خور *кҳн.* он ки маоши муқаррарии моҳона ё солона мегирад, нафақагир.

**РОТИҚ** *а.* راتق *кит.* идоракунанда, касе, ки ҳалли масъала дар дасти ӯст; **ротиқу фотиқ** иҷрокунанда, коргузори соҳибтадбир.

**РОТОР** *лот.* راتار чарх ё қисми ҳаракаткунанда (гарданда) дар мошинҳо.

**РОФА** رافه *бот.* гиёҳи кӯҳсор, ки ба сири кӯҳӣ монанд аст.

**РОФАТ** *а.* رافت *ниг.* **раъфат**.

**РОФЕЪ** *а.* رافع 1. касе, ки чизеро баланд мебардорад, баландкунанда. 2. он ки арзу дод пеши ҳокиму қозӣ мебарад; касе, ки пайғом бурда меорад.

**РОФИЗӢ** *а.* رافضی 1. гурӯҳе аз лашкар ё одамони одӣ, ки сардори худро тарк карда, рафта бошанд. 2. *д.* як гурӯҳ аз пайравони мазҳаби шиа, ки бо сабаби низое сардори худ Зиёд ибни Алиро тарк карданд. 3. *киноя аз* аҳли ташайӣӯъ.

**РОҲ** I راه 1. ҷое, ки мардум аз он рафтуой мекунанд, ҷода, гузаргоҳ. 2. равиш, тарз; **роҳу расм**.

**РОҲ** II راه мақом, нағма, оҳанг, наво.

**РОҲ** III *а.* راح 1. шодӣ, хурсандӣ, шодмонӣ. 2. шароб, май.

**РОҲАКӢ** راهکی *гуфт.* роҳгузар, роҳакӣ, пиёдагард, сафаркунанда; **роҳакӣ шудан** равона шудан, ба роҳ баромадан.

**РОҲАТ** *а.* راحت осудагӣ, осоиш, истироҳат; *муқоб.* **азоб** ва **машаққат**.

**РОҲАТАНГЕЗ** راحتانگیز роҳатбахш, он чи боиси осудагӣ гардад; **роҳатангези рӯҳ** *киноя аз* **шароб**.

**РОҲАТАФЗО** راحتافزا *ниг.* **роҳатфазо**.

**РОҲАТБАХШ** راحتبخش он чи боиси осоишу фароғати кас мебошад.

**РОҲАТИҶОН** راحتجان барфшира, хӯрише, ки ба барфу ях ширинӣ рехта тайёр мекунанд.

**РОҲАТӢ** راحتی 1. истироҳат, осоиш, фароғат. 2. *гуфт.* бемори роҳатӣ, беморе, ки солҳо дар бистари беморӣ мехобад.

**РОҲАТКУРСӢ** راحتکرسی курсии роҳат, курсии нарм.

**РОҲАТОВАР** راحتآور *ниг.* **роҳатбахш**.

**РОҲАТОМЕЗ** راحتآمیز осоишбахш, хушҳолангез; омехта ба осоиш.

**РОҲАТУЛҲУЛҚУМ** *а.* راحت‌الحلقوم ширинie, ки аз нашоиста, орд, қанд ва мағзи бодому ҷавз

тайёр карда мешавад.

**РОҲАТФАЗО(Й)** (راحت‌فزا(ی)) он чи фароғату осоиши касро зиёд мекунад.

**РОҲБАЛАД** راه‌بلد роҳдон, он ки чигунагии роҳро медонад ва касонро роҳнамоӣ мекунад.

**РОҲБАНД** راه‌بند он чи пеши роҳи чизеро мегирад.

**РОҲБАНДОН** راه بندان оини роҳбандӣ дар туйи арӯсиву домодӣ ва маросимҳои дигар.

**РОҲБАР** راهبر 1. он ки роҳ нишон медиҳад, он ки касонро дар роҳе ҳидоят мекунад, ҳодӣ, роҳнамо. 2. сардор, мудир; роҳбари идора.

**РОҲАТТАЛАБ** راحت‌طلب 1. он ки осоишу фароғат мехоҳад. 2. он ки бекориро дуст медорад.

**РОҲАТТАЛАБӢ** راحت‌طلبی осудагӣ хостан, фароғат хостан, оромӣ талабидан.

**РОҲБАРЗЕБ** راهبرزیب ба роҳбарӣ лоиқ, он ки сазовори роҳбар шудан аст.

**РОҲБАРИКУНАНДА** راهبری‌کننده он ки дар сари идора ё муассисае истода, онро идора мекунад, роҳнишондиҳанда, дастурдиҳанда, роҳнамоикунанда.

**РОҲБАРИЯТ** راهبریت *ниг.* **ҳайати роҳбарият**.

**РОҲБАРӢ** راهبری роҳнишондиҳӣ, роҳнамоӣ, ҳидоят.

**РОҲБИН//РАҲБИН** راه‌بین//ره‌بین роҳшинос, роҳдон, роҳбалад.

**РОҲБОН** راه‌بان нигоҳубинкунандаи роҳ, посбони роҳ, роҳдор.

**РОҲБОНӢ** راه‌بانی посбонӣ ва муҳофизати роҳ.

**РОҲВОР** I **//РАҲВОР** راهوار//رهوار 1. маркаби хушрафтор, аспи тезрав. 2. *мач.* тезрав, зудрав, зудсайр.

**РОҲВОР** II **//РОҲВАР** راهوار//راهور *кит.* осон, салис, фаҳмо, возеҳ, равон.

**РОҲГАРД** راه‌گرد он чи роҳ мегардад, роҳрав.

**РОҲГАРДӢ** راه‌گردی гашт, роҳравӣ.

**РОҲГУЗАР** راه‌گذر *ниг.* **раҳгузар**.

**РОҲГУЗОР** راه‌گذار 1. *ниг.* **раҳгузар**. 2. роҳ, кӯча, гузаргоҳ.

**РОҲГУМ** راه‌گم бероҳашуда, гумкардаи роҳ; **роҳгум задан** роҳро гум кардан, бероҳа шудан.

**РОҲГУМЗАДА** راه‌گم‌زده бероҳашуда, роҳгумкарда.

**РОҲГУМКАРДА** راه‌گم‌کرده он ки бероҳа шудааст ё роҳи рафтаниашро намедонад.

**РОҲДАВАК** راه‌دوک *ниг.* **раҳдавак**.

**РОҲДИДА** راه‌دیده :**чашми роҳдида** чашме, ки хаёлолуд ба роҳ дӯхта шуда бошад.

**РОҲДОН** راه‌دان *ниг.* **роҳбалад**.

**РОҲДОР** راه‌دار 1. нигоҳбони роҳ. 2. рах-рах.

**РОҲДОРӢ** راه داری посбонӣ ва назорати роҳҳо.

**РОҲЁБ** راه‌یاب 1. он ки роҳро медонад. 2. *мач.* чорасоз, илочёбанда, мушкилкушои кор.

**РОҲЁБӢ** راه‌یابی роҳ ёфтан, пайдо кардани роҳ барои ичрои коре.

**РОҲЁФТА** راه‌یافته он ки роҳи мақсудро пайдо кардааст; *мач.* ҳидоятшуда, ростагар.

**РОҲЗАН** راه‌زن дузди сари роҳ, он ки дар роҳҳо роҳгузаронро ғорат мекунад, дузд.

**РОҲЗАНӢ** راه‌زنی дуздӣ дар сари роҳҳо, ғоратгарӣ, дуздӣ.

**РОҲЗАНОНА** راه‌زنانه ба тариқи роҳзанӣ, дуздӣ, ғоратгарӣ, дуздона, ғоратгарона.

**РОҲИБ** *а.* راهب рӯҳонии дайрнишини масеҳиён, ки тарки дунё кардааст.

**РОҲИБИЯТ** راهبیت *мансуб ба* **роҳибӣ**.

**РОҲИБӢ** راهبی *мансуб ба* **роҳиб**; порсоӣ, тарки дунё кардан, дайрнишинӣ, роҳиб будан.

**РОҲИЛ** *а.* راحل *кит.* вафотёфта, даргузашта.

**РОҲИЛА** *а.* راحله :**зоду роҳила** он чи дар сафар аз ашёву хӯрокворӣ бо худ гиранд, тӯша.

**РОҲИН** *а.* راهن гаравгузоранда, гаравгузор, гаравмон; *мач.* миннатгузор.

**РОҲИОҲАНЧӢ** راه‌آهنچی он ки дар нақлиёти роҳи оҳан хидмат мекунад, ходими роҳи оҳан.

**РОҲӢ** راهی раванда, сафаркунанда, сафаракӣ,

равона; **роҳӣ кардан** равона кардан, фиристодан; **роҳӣ шудан** равона шудан, ба роҳ даромадан.

**РОҲКИРО** راه‌کرا музде, ки ҳангоми сафар барои воситаи нақлиёт пардохта мешавад, пули кирояи нақлёт.

**РОҲКУШО//РОҲКУШОЯНДА** راه‌کشا// راه‌کشاینده он ки роҳи бастаро боз мекунад; *маҷ.* мушкилкушо, чорасоз; кушояндаи роҳ, он ки роҳ мекушояд.

**РОҲКУШОӢ** راه‌کشایی *маҷ.* чораандешӣ, мушкилкушоӣ.

**РОҲКУШОЯНДА** راه‌کشاینده *ниг.* **роҳкушо**.

**РОҲНАВАРД** راه‌نورد 1. мусофири пиёдарав, роҳпаймо. 2. *маҷ.* маркаб, асп.

**РОҲНАВАРДӢ** راه‌نوردی пиёдагардӣ, пиёдаравӣ.

**РОҲНАМО(Й)** راه‌نما(ی) он ки роҳ нишон медиҳад, роҳбар, пешво.

**РОҲНАМОӢ** راه‌نمائی роҳнишондиҳӣ, роҳбарӣ, ҳидоят.

**РОҲНАМУН** راه‌نمون роҳнамо, роҳбар, роҳнамоӣ.

**РОҲНИШИН** راه‌نشین он ки дар сари роҳи мардум менишинад, гадои сари роҳ; *маҷ.* ғариб, бехонумон.

**РОҲНИШОНДИҲӢ** راه‌نشان دهی *ниг.* **роҳнамоӣ**.

**РОҲНОМА** راه‌نامه китоби роҳнамоии мусофирон ё киштибонон.

**РОҲОВАРД** راه‌آورد тӯҳфае, ки аз сафар чун ҳадя меоранд, савғотӣ.

**РОҲПАЙМО** راه‌پیما 1. роҳраванда, сафаркунанда. 2. он ки бо мақсади иброз намудани мақсади сиёсии худ бо гурӯҳе аз мардум дар хиёбон ё кӯчае роҳпаймоӣ мекунад.

**РОҲПАЙМОӢ** راه‌پیمایی амали роҳпаймо; **даст ба роҳпаймоӣ задан** ба тариқи роҳпаймоӣ эътироз баён кардан.

**РОҲПОЙ** راه‌پای посбони роҳ, нигоҳубинкунанда ба тартибу дурустии роҳҳо.

**РОҲПУЛӢ** راه‌پولی 1. маблағе, ки барои убур аз роҳҳо гирифта мешавад. 2. *ниг.* **роҳкиро**.

**РОҲПӮЙ** راه‌پوی 1. он ки роҳ меравад, роҳраванда. 2. *маҷ.* асп, маркаб.

**РОҲРАВ//РАҲРАВ** راه‌رو//ره‌رو 1. роҳраванда, роҳпаймо. 2. гузаргоҳ, долон.

**РОҲРАВӢ** راه‌روی пиёда сайру гашт намудан.

**РОҲРАВОН** راه‌روان дар ҳолати роҳравӣ, роҳ гашта истода.

**РОҲСАНҶ//РАҲСАНҶ** راه‌سنج//ره‌سنج он ки роҳро ба хубӣ ва дурустӣ медонад ва ба осонӣ тай мекунад, роҳпаймо.

**РОҲСИПОР** راه‌سپار тайкунандаи роҳ, раванда.

**РОҲСОЗ** راه‌ساز он ки роҳ (ҷода) дуруст мекунад, мутахассиси роҳсозӣ, ҷодасоз.

**РОҲСОЗӢ** راه‌سازی сохтани роҳ, ҷодасозӣ.

**РОҲТӮША//РАҲТӮША** راه‌توشه//ره‌توشه тӯшаи роҳ, захираи хӯрок барои роҳ, зоди сафар.

**РОҲХАРҶӢ** راه‌خرجی маблағе, ки барои масорифи роҳ вақти сафар бо худ гирифта мешавад.

**РОҲХАТ** راه‌خط ҳуҷҷат ё рухсатномаи сафар.

**РОҲХАТӢ** راه‌خطی *ниг.* **роҳхат**.

**РОҲҶӮ(Й)** راه‌جو(ی) он ки роҳ меҷӯяд; *маҷ.* ҷӯяндаи илоҷи коре, илоҷёб.

**РОҲШИНОС** راه‌شناس он ки роҳро нағз медонад, роҳдон, роҳбалад.

**РОҶА** *ҳ.* راجه ҳукмдор дар Ҳиндустон.

**РОҶЕУННАҚД** *а.* راجع‌النقد нақд баргардондашаванда; қарзе, ки нақдан баргардонда мешавад.

**РОҶЕЪ** *а.* راجع 1. *кит.* бозгашткунанда, баргарданда. 2. оид..., доир...,оид ба..., доир ба..., дар хусуси...

**РОҶӢ** *а.* راجی умедвор, нигарон, таваққӯъкунанда.

**РОШ** راش 1. канорҳои баланд кардашудаи кишт, ки онро аз қитъаҳои дигар ҷудо мекунад, вод, марза. 2. як навъ дарахти булутмонанд.

**РОШИД** *а.* راشد 1. касе, ки бо роҳи рост meравад, бо роҳи рост раванда, он ки рост ва ҳақро ёфтааст. 2. нишондиҳандаи роҳи рост, роҳнамои тариқи роҳи рост; **хулафои роши-**

**дин** чор нафари наздиктарин пайравони Муҳаммади пайғамбар (с) (Абӯбакр, Умар, Усмон ва Алӣ); *маҷ.* шахси диндор.

**РОШКАШ** راشکش он ки ва ё он чи марзаи қитъаи заминро мекашид, водкаш.

**РОШКАШӢ** راشکشی амали рошкаш, водкашӣ.

**РОЯЛ** *фр.* رایل асбоби мусиқӣ, ки ба воситаи ангуштҳо навохта мешавад.

**РОЯТ** *а.* رایت парчам, байрақ, алам, ливо.

**РУАСО** *а.* رؤسا *ҷ.* **раис**, сарон, сардорон, бузургон.

**РУБ(Б)** *а.* رب *кит.* оби (ширaи) меваҳо, ширaи ҷӯшонда ғализ кардаи анор, олуболу *ва г.*

**РУБЛ** *р.* روبل номи пули собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Русияи имрӯза.

**РУБОБ** رباب олати мусиқии торӣ, ки бо мизроб навохта мешавад.

**РУБОБНАВОЗ** ربابنواز навозандаи рубоб, рубобӣ.

**РУБОИЁТ** *а.* رباعیات *ҷ.* **рубоӣ**, рубоиҳо.

**РУБОӢ** *а.* رباعی *адш.* шеъри чормисраие, ки мисраъҳои якум, дуюм ва чорумаш ҳамқофия мебошанд (*рубоӣ дар 24 вазни шаҷараи ахрабу ахрами баҳри ҳазаҷ суруда шуда, аз дубайтӣ бо ҳамин вазни худ фарқ мекунад*).

**РУБЪ** *а.* ربع чоряк, яке аз чор ҳиссаи ягон чиз; **рубъи маскун** қисми хушкӣ ва маскуни замин, ба эътибори он ки аз чор се ҳиссаи сатҳи кураи Замин об ва як ҳиссааш хушкӣ аст.

**РУД** رود *мус.* яке аз олатҳои мусиқии тории қадим.

**РУДЗАН** رودزن руднавоз, касе, ки руд менавозад.

**РУДНАВОЗ** رودنواز рудзан, оҳангнавоз, мусиқинавоз.

**РУИН** رویین *ниг.* **рӯин**; он чи аз филизи рӯй (руҳ) сохта шуда бошад; *маҷ.* маҳкам, сахт, бабардошт.

**РУИНТАН** رویینتن *ниг.* **рӯинтан**; 1. он ки бадани қавӣ ва тобовар дорад ва зарби ярoқ ба вай асар намекунад; 2. руинтан-лақаби яке аз паҳлавонони «Шоҳнома»-Исфандиёр.

**РУЙ//РӮЙ** روی филизи сафеди кабудтоб, рӯҳ.

**РУКН** *а.* رکن 1. сутун, поя. 2. қисми бузургтар ва муҳимтари чизе, узви асосӣ. 3. *адш.* дар арӯз қолибҳои муайян, ки вазнҳои асосии арӯзро ташкил медиҳанд.

**РУКУД** *а.* رکود 1. истодан, осудан. 2. ором шудан, ором гирифтан. 3. карахтӣ: **солҳои рукуд**.

**РУКУН** *а.* رکون *кит.* майл кардан, эътимод кардан.

**РУКӮЪ** *а.* رکوع 1. хам шудан, яке аз шартҳои намоз, ки намозхон то расидани ду кафи даст ба сари ду зону хам мешавад. 2. *маҷ.* таъзим, тавозӯъ.

**РУҚАБО** *а.* رقبا *ҷ.* **рақиб**.

**РУҚАОТ** *а.* رقعات маҷмӯаи навиштаҳо (мактубҳо).

**РУҚЪА** *а.* رقعه коғазе, ки бар он чизе навишта бошанд, номаи кӯтоҳ, мактубча; дорухат.

**РУҚИЯ** *а.* رقیه *кит.* сеҳр, афсун, таъвиз.

**РУЛ** *ҳол.* رول олате, ки ронанда ба воситаи он мошин, киштӣ ё ҳавопайморо идора мекунад, фармон.

**РУМӢ** I رومی аҳли Рум; сохташуда дар Рум.

**РУМӢ** II رومی *киноя аз* ранги сафед: **румӣ ва зангӣ** а) *киноя аз* ранги сафед ва сиёҳ; б) рӯзу шаб. 3. лақаб ва тахаллуси Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ.

**РУММОН** *а.* رمان *кит.* анор.

**РУМУЗ** *а.* رموز *ҷ.* **рамз**.

**РУМҲ** *а* رمح *кит.* найза, синон.

**РУН** رون *кит.* сабаб, иллат, ҷиҳат; **ба руни…**, **аз руни…** ба сабаби…

**РУНОС** روناس *кит.* решаи як навъ гиёҳ, ки аз он ранги сурх тайёр мекунанд.

**РУОФ** *а.* رعاف *кит.* хун рафтан аз бинӣ, хуни бинӣ.

**РУПИЯ** روپیه воҳиди пули Ҳиндустон.

**РУС** I روس номи халқ ва мамлакати Русия.

**РУС** II رس касе, ки бисёр хӯрок мехӯрад, пурхӯр, шикампарвар; ҳарис.

**РУС** III **//РУСТ** رس//رست маҳкам, мустаҳкам, сахт.

**РУСБӢ//РУСПӢ** روسبی//روسپی фоҳиша, зани сабукпо, зани ҳарҷогард.

**РУСЗАБОН** روس‌زبان он ки бо забони руси гап мезанад.

**РУСИДОН** روسی‌دان касе, ки забони русиро медонад.

**РУСӢ** روسی 1. *мансуб ба* **халқи рус**. 2. забони халқи рус.

**РУСПИЗОДА** روسپی‌زاده писари зани фоҳиша, ҳаромзода.

**РУСПӢ** روسپی *ниг.* **русбӣ**.

**РУСТ** I رست ниҳон, пинҳон, пӯшида; **руст кардан** пинҳон кардан, пӯшидан; **духтар рӯяшро руст кард**; **руст шудан** пинҳон шудан.

**РУСТ** II رست *ниг.* **рус** III.

**РУСТА** I رسته *сифати феълӣ аз* **рустан**; рӯида, болида, сабзида.

**РУСТА** II رسته ҳалвое, ки аз қанд ва мағзи бодому дона тайёр мекунанд.

**РУСТАМ** رستم 1. номи паҳлавони асосии «Шоҳнома». 2. *маҷ.* далер, шуҷоъ, паҳлавон, тануманд.

**РУСТАМДИЛ** رستم‌دل далер, шуҷоъ.

**РУСТАМОНА** رستمانه чун Рустам, далерона, бо шуҷоат.

**РУСТАН** رستن рӯидан, сабзида баромадан, кабуд шудан.

**РУСТАНӢ** رستنی рӯиданӣ, он чи аз замин рӯида мебарояд, гиёҳ, набот (**растанӣ** *шакли маъмулии нодурусти ин калима аст*).

**РУСТӢ** رستی пинҳонӣ, махфиёна.

**РУСТО** روستا деҳ, деҳа, қишлоқ.

**РУСТОӢ** روستایی деҳотӣ, қишлоқӣ, он ки дар деҳ зиндагӣ мекунад.

**РУСТОҚ** روستاق *шакли муаррабi* **русто//рӯсто**.

**РУСУЛ** *а.* رسول *ҷ.* **расул**.

**РУСТ-РУСТАКОНБОЗӢ** رست‌رستکان‌بازی бозии бачагонае, ки яке аз бозикунандагон иштироккунандагони дигари бозиро, ки дар ҳар ҷо-ҳар ҷо пинҳон шудаанд, меҷӯяд, баҷошавакон.

**РУСУМ** *а.* رسوم *ҷ.* **расм**; расмҳо, оинҳо, қонуну қоидаҳо, урфу одатҳо.

**РУТАБ** I *а.* رتب *ҷ.* **рутба//рутбат**.

**РУТАБ** II *а.* رتب *кит.* хурмо, хурмои тару тоза.

**РУТБА** *а.* رتبه дараҷа, мартаба, мақом, дараҷаи ҳарбӣ ё маъмурӣ.

**РУТБАПАРАСТ** رتبه‌پرست он ки ҷоҳу ҷалол, мартабаро меписандад, мансабпараст.

**РУТБАПАРАСТӢ** رتبه‌پرستی *мансуб ба* **рутбапараст**; мансабпарастӣ, рутбапараст будан.

**РУТУБАТ** *а.* رطوبت намӣ, тарӣ, намнокӣ; **рутубати ҳаво** миқдори намнокӣ дар ҳаво.

**РУТУБАТНОК** رطوبتناک тар, нам, намнок; *муқоб.* **хушк**.

**РУТУБАТНОКӢ** رطوبتناکی тарӣ, намӣ, намнокӣ.

**РУТУБАТНОПАЗИР** رطوبت‌ناپذیر он чи намиро ба худ намегирад.

**РУТУБАТОМЕЗ** رطوبت‌آمیز рутубатнок, нам: **боди рутубатомез**.

**РУТУБАТПАЗИР** رطوبت‌پذیر он чи намиро зуд ба худ мегирад.

**РУТУБАТСАНҶ** رطوبت‌سنج асбоби андозагири рутубат, намсанҷ.

**РУФАҚО** *а.* رفقا *ҷ.* **рафиқ**, рафиқон.

**РУФОТ** *а.* رفات чизҳои шикаста, реза– реза шуда, пӯсида, аз ҳам рехта (*мас.*, *устухони пӯсида*).

**РУФӮ** رفو *кҳн.* баҳам дӯхтан ё танидани сӯрохӣ ё ҷои пораи матоъ, гилем *ва г.* ба тавре ки ҷои ислоҳшуда ба осонӣ маълум нагардад, поргӣ, дарбеҳ.

**РУФӮГАР//РАФӮГАР** رفوگر он ки руфӯ мекунад, руфӯкунанда, поргидӯз.

**РУФӮГАРӢ** رفوگری касбу амали руфӯгар; поргӣ кардан, дарбеҳ кардан.

**РУХ I** رخ рӯй, ҳар як аз барҷастагиҳои ду ҷониби рӯй, гуна, чеҳра ораз, рухсора; **рух додан** рӯй додан, воқеъ шудан.

**РУХ II** رخ *варз.* мӯҳрае аз мӯҳраҳои шоҳмот, ки ба шакли бурҷ аст.

**РУХ III** رخ парандаи афсонавии мавҳум ва бисёр бузург.

**РУХАК** رخک яке аз навъҳои зардолу.

**РУХЗАРД** رخزرد 1. он ки рӯяш зард метобад. 2. *маҷ.* заҳир, рангпарида, беморгун.

**РУХОМ** *а.* رخام санги мармари аълои рангдор.

**РУХОМӢ** رخامی *мансуб ба* **рухом**.

**РУХСАТ** *а.* رخصت изн, иҷозат.

**РУХСАТӢ** *а.* رخصتی таътили корӣ, истироҳат баъди чанд вақти кор: **ба рухсатӣ баромадан**.

**РУХСАТНОМА** رخصتنامه хатте, ки дар асоси он ба даромадан (рафтан) ба ҷое ё ба иҷрои коре изн ва имкон дода шудааст.

**РУХСАТТАЛАБӢ** رخصتطلبی пурсидани изн, иҷозат хостан ба коре.

**РУХСОР(А)** رخسار(ه) як тарафи рӯй, рух, гуна, чеҳра.

**РУХСОРАГУЛГУН** رخسارهگلگون *ниг.* **рухсорасурх**.

**РУХСОРАСУРХ** رخسارهسرخ 1. он ки гунаҳои гулгун дорад. 2. *маҷ.* шод, фараҳманд, сарафроз.

**РУҲ I** *а.* روح равон, ҷон.

**РУҲ II** روح рӯй, филиз.

**РУҲИН** روحین монанди рӯҳ.

**РУҲИЯ** روحیه *ниг.* **рӯҳия**.

**РУҲӢ//РӮҲӢ** *а.* روحی оид ба рӯҳ, равонӣ; бемории рӯҳӣ, касалии равонӣ.

**РУҲПАРВАР** روحپرور ҳаловатбахш, илҳомбахш, равонбахш.

**РУҲУЛЛОҲ** *а.* روحالله лақаби Исои Масеҳ.

**РУҶӮЪ** *а.* رجوع бозгашт, баргашт, муроҷиат; **руҷӯи лирикӣ** *адш.* аз тасвири воқеаҳои асар боз истода, фикру мулоҳиза ва ҳиссиёту ҳаяҷони худро баён кардани шоир ё нависанда.

**РУШД** *а.* رشد нумӯ, сабзиш, болидагӣ. тараққӣ, инкишоф.

**РУШДИЯ** رشدیه *кҳн.* мактаби миёна (мактабҳои дараҷаи 2 дар солҳои аввали инқилоби Октябр).

**рӯ//рӯй** رو//روی *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб, ба маънои* сабзанда, рӯянда, сабзида, рӯида: **худрӯй**, **зудрӯй**.

**РУ//РӮЙ** رو//روی 1. чеҳра, рух. 2. сатҳ, сафҳа, рӯя; **рӯи замин** сатҳи замин. 3. тарафи берунӣ ва болоии чизе; *муқоб.* **пушт**; **рӯи даст, рӯи хона, рӯи ҳавлӣ**. 4. сабаб, боис; **аз ин рӯ** аз ин ҷиҳат, аз ин сабаб, бино бар ин; **аз рӯи...** мувофиқи..., мутобиқи..., ба сабаби...; **рӯй андохтан** *чизеро* аз касе пурсидан, хоҳиш кардан; **ба рӯи** *касе* **задан** камбудии (айби) касеро беибо ба худаш гуфтан; **рӯ ба роҳ шудан** ба ҷое рафтагор шудан; **ба ҷое рӯ ниҳодан (рафтан)**; **рӯй додан** воқеъ шудан, ба амал омадан; **рӯи** *чизеро* **надидан** аз чизе маҳрум будан, ба чизе дастрасӣ надоштан; **рӯ овардан** а) муроҷиат кардан (ба касе, ба чизе); б) раҳсипор шудан (ба ҷое); **рӯ тофтан аз** *касе* тарк кардан, **рӯй гардондан**; рӯй турш кардан, абрӯ пурчин кардан, норизоӣ изҳор кардан; **рӯи хуш надодан ба** *касе* муомилаи хуб накардан, илтифот накардан; **рӯяш сиёҳ**! нанг бар вай!

**рӯб** روب 1. *феъли амр ва асоси замони ҳозира аз* **руфтан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* **рӯбанда**: **хонарӯб**, **ҳавлирӯб**.

**РӮБАНД//РӮЙБАНД** روبند//رویبند порча ё тӯри аз мӯй бофтае, ки занон рӯи худро мепӯшонданд, чашмбанд, ниқоб.

**РӮБАНДА** روبنده ҷорӯбкунанда, ҷорӯбкаш.

**РӮБАРДОР** روبردار :**рӯбардор кардан** аз рӯи навиштае нусха бардоштан.

**РӮБАРӮ(Й)** روبرو(ی) он чи дар муқобили чизе воқеъ аст; **рӯбарӯ кардан** *касеро* **ба** *касе* бо ҳамдигар бархӯронидан, дучор овардан (*ду касро бо ҳам*); **рӯ ба рӯ шудан** бо касе рӯ ба рӯ истодан, дучор омадан.

**РӮБАРӮКУНӢ** روبروکنی баробари ҳамдигар қарор додани касе.

**РӮБАРӮШАВӢ** روبروشوی рӯ ба рӯ афтодан.

**РӮ(Й)БАСТА** رو(ی)بسته болопӯшида, ниқобдор, дар зери ҳиҷоб.

**РӮБАҲ** روبه *ниг.* **рӯбоҳ**.

**РӮБАҲМИЗОҶ** روبه‌مزاج *маҷ.* ҳилагар, хушомадгӯй, маккор.

**РӮБАҲОНА** روبهانه чун рӯбоҳ, ҳилагарона, хушомадгӯёна.

**РӮБАҲСИФАТ** روبه‌صفت хушомадгӯӣ, бесамимият, маккор, ҳилагар.

**РӮБИДАН** روبیدن *ниг.* **рӯфтан**.

**РӮБИН//РӮЙБИН** روبین//رویبین он ки рӯйбинӣ мекунад, он ки аз рӯи касе гузашта натавониста ноилоҷ ба коре розӣ мешавад, хушомадгӯӣ.

**РӮБИНАК** روبینک он чи дар рӯбинон ба арӯс тӯҳфа меоранд.

**РӮБИНӢ** روبینی касеро рӯи хотир кардан, хотир дидан, хотирбинӣ.

**РӮБИНОН//РӮЙБИНОН** روبینان//رویبینان маросими махсуси пас аз тӯй бори аввал дидани арӯсу домод аз тарафи хешовандонашон.

**РӮБИНОНА** روبینانه хушомадгӯёна, ғайрисамимона.

**РӮБОЗ** روباز он ки рӯяш боз аст, бениқоб, рӯйкушода.

**РӮБОЛИН** روبالین рӯйболишт, ғилофи болишт, ки одатан аз матои сафед медӯзанд.

**РӮБОЛО//РӮЙБОЛО** روبالا//روی بالا рӯ ба боло (*ҳолати хобидан ба тахтапушт*).

**РӮБОНДАН** روبانیدن 1. *шакли бавоситаи* **рӯфтан**. 2. ба касе фармуда ҷоеро ҷорӯб кунонидан.

**РӮБОРӢ** روباری *гуфт.* як пора, як тикка, порча.

**РӮБОҲ//РӮБАҲ** روباه//روبه ҷонвари гӯштхор аз навъи саг, ки думи калони сермӯй дорад ва ба ҳилагарӣ машҳур аст.

**РӮБОҲБАЧА** روباه‌بچه бачаи рӯбоҳ.

**РУБОҲБОЗ** روباه‌باز *маҷ.* маккор, ҳилагар, фиребгар.

**РӮБОҲБОЗӢ** روباه‌بازی маккорӣ, ҳилагарӣ, фиребгарӣ.

**РӮБОҲВОР** روباه‌وار чун рӯбоҳ, ҳилагар (-она).

**РӮБОҲӢ** روباهی монандӣ ба рӯбоҳ, ҳилагарӣ, хушомадгӯӣ.

**РӮБОҲМИЗОҶ** روباه‌مزاج *ниг.* **рӯбоҳсифат**.

**РӮБОҲОНА** روباهانه монанди рӯбоҳ.

**РӮБОҲСИФАТ** روباه‌صفت маккор, ҳилагар, фиребгар.

**РӮБОҲСИФАТӢ** روباه‌صفتی маккорӣ, ҳилагарӣ, фиребгарӣ.

**РӮБОҲТАБИАТ** روباه‌طبیعت *ниг.* **рӯбаҳмизоҷ**.

**РӮБУЧИН** روب‌وچین рӯфтан ва ба тартиб андохтани хона, ҳавлӣ *ва г.*: **рӯбучин кардан**.

**РӮБӮСӢ** روبوسی бӯсидани рӯ.

**РӮВАРАҚ(А)** روورق//روورقه ҷилди коғазие, ки аз болои муқова ба китобҳо пӯшонда мешавад.

**РӮГАР//РӮЙГАР** روگر//رویگر касе, ки рӯҳ ё қалъагӣ медавонад, сафедкунандаи мис бо рӯҳ ва ё қалъагӣ; саффор, мисгар.

**РӮГАРДОН//РӮЙГАРДОН** روگردان//روی گردان 1. он ки рӯяшро аз чизе ё касе гардонда, онро тарк кардааст. 2. либосе, ки тарафи даруниашро гардонда аз нав дӯхта бошанд.

**РӮГАРДОНШУДА** روگردان‌شده либосе, ки тарафи даруниашро гардонидаанд, чаппагардон карда.

**РӮГАРМ** روگرم одами дилгарм, ситорагарм, хушхулқ.

**РӮҒЕЗА** روغیزه *геол.* фишори уфуқӣ ё паҳлӯӣ.

**РӮД** رود дарё, наҳр, ҷӯйбори калон, рӯдхона.

**РӮДА** روده найчаи мулоими дароз дар шикамии инсон ва ҳайвонот, ки хӯрокӣ аз меъда ба он мегузарад.

**РӮДАБАНД** روده‌بند *тиб.* банде, ки рӯдаи борикро ба девори шикам васл мекунад, банди рӯда.

**РӮДАВӢ** رودوی касеро писанд накарда гап задан ё коре кардан.

**РӮДАҒАФС** روده‌غفس *маҷ.* одами танбал, одами сусткор.

**РӮДАҒАФСӢ** رودهغفسی *мансуб ба* **рӯдағафс**; танбалӣ, сусткорӣ.

**РӮДАДАРОЗ** روده‌دراز *маҷ.* одами сергап, лаққипургӯй, сергап.

**РӮДАӢ** روده‌ای *мансуб ба* **рӯда**; тавассути рӯда.

**РӮДАКАН** روده‌کن **:рӯдакан шудан** *гуфт.* сахт ва дуру дароз хандидан.

**РӮДАКАНАК** روده‌کنک **:рӯдаканак кардан** хеле мондаву шалпар кардан.

**РӮДАКАФ** روده‌کف аз хандаи бисёр, аз хӯрдани бисёр кафидани рӯда.

**РӮДАПО** روده‌پا ҷонвари биёбонии афсонавие, ки гӯё поҳои рӯдамонанди дарозе дорад ва сайди худро бо пойҳояш печонда мехӯрад.

**РӮДБОР** رودبار ҷое, ки дар он ҷӯйҳои калон бисёр аст, наҳр, дарёи калон.

**РӮДКОВӢ** رودکاوی кофтани ҷӯи нав ва аз гилу лойқа тоза кардани он.

**РӮДНАВОЗ** رودنواز *ниг.* **руднавоз**.

**РӮДХОНА** رودخانه 1. маҷро ё ҷараёнгоҳи рӯд (дарё). 2. рӯди (наҳри) калон.

**РӮЁ** رویا рӯянда, сабзанда, қобили сабзиш.

**РӮЁН(И)ДАН** رویاندن//رویانیدن 1. ба сабзиш водоштан, сабзондан. 2. ситондан, гирифтан; **қарзро рӯёндан** қарзро ситондан.

**РӮЗ** روز 1. фосилаи байни баромадан ва нишастани Офтоб, ки ҳаво равшан аст, аз дами субҳ то шом; *муқоб.* **шаб**; **рӯзи бозор** рӯзе, ки дар он бозор барпо мешавад; **рӯзи сиёҳ** рӯзи бад, рӯзи пурғаму кулфат ва маҳрумӣ; **ба рӯзи сиёҳ афтодан** ба сахтию маҳрумӣ ва ба азобу уқубат дучор шудан; **ба** *касе* **рӯз нишон надодан** касеро ҳама вақт азоб додан, дар сахтӣ нигоҳ доштан; **рӯзи равшан надидан** ҳамеша дар сахтию бадбахтӣ рӯз гузаронидан.

**РӮЗА** روزه *д.* худдорӣ аз хӯрдану нӯшидан аз дамидани субҳ то фурӯ рафтани Офтоб дар моҳи рамазон.

**РӮЗАДОР** روزه‌دار он ки рӯза гирифтааст.

**РӮЗАДОРӢ** روزه‌داری *д.* худдорӣ аз хӯрок ва нӯшидан дар моҳи рамазон.

**РӮЗАКУШОӢ** روزه‌کشایی *д.* хӯрдан ва нӯшидан баъд аз ғуруби Офтоб дар моҳи рамазон, ифтор, ифтор кардан.

**РӮЗАФЗУН** روزافزون он чи рӯз ба рӯз зиёд мешавад, мудом афзоянда.

**РӮЗАФРӮЗ** روزافروز *кит.* тобон, дурахшон.

**РӮЗАХӮР** روزه‌خور он ки дар моҳи рамазон рӯза намедорад.

**РӮЗБАЙЪ** روزبیع мӯзддиҳӣ ё ҳисобгирии кор аз рӯи кори ҳаррӯза.

**РӮЗБЕҲ** روزبه некрӯз, хушбахт; рӯз ба рӯз беҳтар шудан.

**РӮЗБОН** روزبان *кит.* 1. дарбон, зинҳор. 2. сарҳанг, фармондеҳи лашкар.

**РӮЗГАРД** روزگرد *кит.* 1. касе, ва ё чизе, ки рӯзона мегардад. 2. *киноя аз* Офтоб.

**РӮЗГОР** روزگار 1. замон, айём; **рӯзгори ҷавонӣ** давраи ҷавонӣ. 2. гузариши зиндагонии ҳаррӯза, гузашти рӯзгор.

**РӮЗГОРДИДА** روزگاردیده он ки гарму сарди зиндагиро чашидааст, пуртаҷриба аз гузашти рӯзгор.

**РӮЗГОРДОР** روزگاردار он ки зану бачаву оила дорад, соҳиби аҳлу аёл, он ки таъмини ризқу рӯзии оила дар ӯҳдаи вай аст.

**РӮЗГОРДОРӢ** روزگارداری идора кардани таъминоти хонавода, кору бори ҳаррӯзаи оила.

**РӮЗГУЗАРОНӢ** روزگذرانی имрори ҳаёт, зиндагӣ, гузаронидани ҳаёт, маишати ҳаррӯзаи зиндагиро таъмин намудан.

**РӮЗГУН** روزگون рӯзмонанд, равшан; *маҷ.* зебо, хушрӯй, равшанталъат.

**РӮЗҒОР** روزغار *ниг.* **рӯзгор**.

**РӮЗҒОРДОРӢ** روزغارداری *ниг.* **рӯзгордорӣ**.

**РӮЗҒОРКАШӢ** روزغارکشی *ниг.* **рӯзгордорӣ**.

**РӮЗДАРМИЁН** روزدرمیان як рӯз пас, баъди як рӯз.

**РӮЗДИДА** روزدیده умрдида, он ки гармию сардии рӯзгорро чашидааст.

**РӮЗИБАХШ** روزی‌بخش 1. рӯзидиҳанда, розиқ. 2. *мач.* Худо, Офаридгор.

**РӮЗИДЕҲ** روزی‌ده он ки ризқи (хӯроки) касеро таъмин мекунад, рӯзибахш.

**РӮЗИНА** روزینه *гуфт.* рӯзона.

**РӮЗӢ** روزی 1. хӯроки ҳаррӯза. 2. насиба, қисмат, ризқ.

**РӮЗКӮР** روزکور 1. он ки рӯзона дида наметавонад. 2. *мач.* одами нодону бехабар.

**РӮЗҚАРОР** روزقرار *ниг.* **рӯзбайъ**.

**РӮЗМАРРА** روزمره ҳаррӯза, ҳамарӯза; **кори рӯзмарра** а) кори ҳаррӯза; б) коре, ки ба он аз ҳисоби маҳсули ҳаррӯза музд дода мешавад.

**РӮЗМУЗД** روزمزد *ниг.* **рӯзбайъ**.

**РӮЗНОДИДА** روزنادیده он ки дар зиндагӣ хушию хуррамӣ надида ба азобу эҳтиёҷ умр гузаронидааст, бенасиб.

**РӮЗНОМА** روزنامه 1. дафтари ёддоште, ки дар он воқеаҳои ҳаррӯза қайд мешавад. 2. номгӯи масъалаҳое, ки дар маҷлисе бояд муҳокима шаванд. 3. варақҳои бидуни ҷилд ва саҳифаҳо, ки дар замони муайян ба сурати рӯзнома ва ё ҳафтанома интишор мешаванд, ҷарида. 4. дафтари қайди хонандагони мактаб.

**РӮЗНОМАВӢ** روزناموی *мансуб ба* **рӯзнома**; тариқи рӯзнома.

**РӮЗНОМАНАВИС** روزنامه‌نویس рӯзноманигор, нигорандаи рӯзнома.

**РӮЗНОМАНАВИСӢ** روزنامه‌نویسی рӯзноманигорӣ, навиштани рӯзнома.

**РӮЗНОМАНИГОР** روزنامه‌نگار он ки мақола ва ахбори рӯзномаро менависад, таҳияи мақолаю ахбори рӯзнома.

**РӮЗНОМАНИГОРӢ** روزنامه‌نگاری шуғлу амали рӯзноманигор.

**РӮЗНОМАФУРӮШ** روزنامه‌فروش фурӯшандаи рӯзнома, ҷаридафурӯш.

**РӮЗНОМАФУРӮШӢ** روزنامه‌فروشی шуғлу амали фурӯшандаи рӯзномаю маҷаллаҳо; ҷои фурӯши рӯзномаю маҷаллаҳо.

**РӮЗНОМАХОН** روزنامه‌خوان хонандаи рӯзнома, он ки ба мутолиаву хондани рӯзнома майл дорад.

**РӮЗНОМАХОНӢ** روزنامه‌خوانی хондани рӯзнома, қироати рӯзнома.

**РӮЗОНА** روزانه 1. дар рӯз, ҳангоми рӯз. 2. ҳаррӯза, рӯзмарра: **кори рӯзона**, **хоби рӯзона**.

**РӮЗСИЁҲ** روزسیاه талхрӯзгор, он ки рӯзгори хушу осудае надорад, бадбахт.

**РӮЗШУМОРӢ** روزشماری шуморидани рӯз, пойидани рӯз.

**РӮИДА** روئیده сабзида, баромада, дамида.

**РӮИДАН** روئیدن сабзидан, аз замин сарзада баромадан (-и наботот), рустан, нумӯ кардан.

**РӮИДАРИЧА** روی‌دریچه қитъаи замини хурде, ки дар паҳлу ё пеши хонаи иқоматӣ воқеъ аст.

**РӮИДИЛАКӢ** روی‌دلکی ғайрисамимӣ, на бо майлу рағбати тамом, хоҳаму нохоҳам.

**РӮИЗАМИНӢ** روی‌زمینی он чи дар рӯи (сатҳи) замин воқеъ аст.

**РӮИМИЗӢ** روی‌میزی он чи дар болои миз меистад, он чи ҷояш рӯи миз аст.

**РӮИН** رویین *ниг.* **руин**.

**РӮИНА** روینه он чи дар рӯи (сатҳи) чизе воқеъ аст.

**РӮИН(А)ТАН** روینتن // روئین‌تن *ниг.* **руинтан**.

**РӮИОБӢ** روی‌آبی он чи дар сатҳи об воқеъ аст.

**РӮИОСТИНӢ** روی‌آستینی он чи дар тарафи берунии остин аст.

**РӮИРОСТ** روی‌راست ба таври рост рафтор кардан, беибо.

**РӮИСАҲНӢ** روی‌صحنی он чи дар саҳни ҷое воқеъ аст (*мас., дар саҳни мадраса*).

**РӮИСИНАГӢ** روی‌سینگی он чи дар рӯи сина қарор дорад, он чи болои сина аст (*мас., нишон*).

**РӮИУСТУХОНӢ** روی‌استخوانی дар болои устухон, болои устухонӣ.

**РӮИХОТИР** روی‌خاطر эҳтиром; **барои рӯихотири шумо** ба ҳурмати шумо, барои поси хотири шумо; **рӯихотир кардан** иззат ва ҳурмати касеро дар назар доштан.

**РӮИХУШ** روی‌خوش **:рӯи хуш додан ба** *касе* муомилаи нағз кардан, бо меҳрубонӣ рафтор намудан.

**РӮИҲАВЛИГӢ** روی‌حولیگی он чи дар саҳни ҳавлӣ воқеъ аст.

**РӮИҲАВЛИХОБӢ** روی‌حولی‌خوابی хобидан дар саҳни ҳавлӣ (*дар ҳавои кушода*).

**РӮИҲАМ** روی‌هم болои ҳам, болои ҳамдигар, боло-болои ҳам, ҷамъан, маҷмӯан.

**РӮИҶО(Й)** روی‌جا(ی) бистар; **касалии рӯиҷо** бемори бистарӣ.

**РӮЙ** روی *ниг.* **рӯ**.

**РӮЙАНДУД** روی‌اندود 1. чизҳои мисин ё биринҷӣ, ки ба рӯяшон оби тилло ё нуқра давонида шудааст. 2. *маҷ.* кори қалбакӣ.

**РӮЙБАНД** روی‌بند *ниг.* **рӯбанд**.

**РӮЙБАСТ** روی‌بست пӯшида, рӯяш бо чизе пӯшонидашуда; қабати филизи қиматбаҳое, ки бо он рӯи ягон асбоби филизиро пӯшонда бошанд.

**РӮЙБАСТКУНӢ** روی‌بست‌کنی болои чизеро бо як қабат чизи дигар пӯшондан, рӯкаш кардан.

**РӮЙБАСТШУДА** روی‌بست‌شده рӯи чизеро пӯшонидан, бастан.

**РӮЙБИН** روی‌بین *ниг.* **рӯбин**.

**РӮЙБИНӢ** روی‌بینی *ниг.* **рӯбинон**.

**РӮЙБИНОН** روی‌بینان *ниг.* **рӯбинӣ**.

**РӮЙБОРИК** روی‌بارک он ки рӯяш борики дароз аст; *муқоб.* **кулчарӯй**.

**РӮЙГАРДОН//РӮГАРДОН** رو(ی)گردان 1. ҷомае, ки баъди чиркин шуданаш абраашро рӯгардон карда, аз нав дӯхта бошанд. 2. он ки аз касе ё чизе нафрат карда аз он рӯ тофта бошад.

**РӮЙГАРДОНӢ** روی‌گردانی рӯй тофтан аз касе ё аз чизе.

**РӮЙГАРДОНШУДА** روی‌گردان‌شده *мансуб ба* **рӯйгардонӣ**; рӯйгардонкарда.

**РӮЙДАРОЗ** روی‌دراز он ки қолаби рӯяш дароз бошад.

**РӮЙДОД** روی‌داد воқеа, ҳодиса, ҳодиса ё аҳволе, ки ногаҳонӣ воқеъ шудааст.

**РӮЙДОДА** روی‌داده воқеъшуда, он чи ба амал омадааст.

**РӮЙЗАРД** روی‌زرد 1. он ки рӯяш зард аст, зардрӯй. 2. *маҷ.* хароб, лоғар, рангпарида аз ғам ва ғамхӯрӣ. 3. *маҷ.* шармгин, хиҷил.

**РӮЙИНТАН** روئین‌تن дорои тани қавӣ ва паҳлавон.

**РӮЙИНТАНӢ** روئین‌تنی паҳлавонӣ, нерӯмандӣ.

**РӮЙКАНӢ** روی‌کنی харошидани рӯй дар мотам ва азои касе; ҷанҷол ва рӯйканиву мӯйкании занҳо.

**РӮЙКАШ** روی‌کش 1. он чи барои нигаҳдорӣ аз гарду ғубор ба рӯи чизе пӯшида бошанд (*мас., ҷилди кӯрпа*); **рӯйкаш кардан** болои (рӯи) чизеро бо матое,чарме ё чизи дигаре пӯшондан (*мас., мизро бо матоъ, сандуқро бо тунукаи рангӣ ва г.*). 2. он чи зоҳири он бо

ботинаш якранг нест.

**РӮЙКАШБОБ** روی‌کش‌باب матое, ки барои рӯй кашидани чизе лоиқ аст, мувофиқ ва муносиби болои чизе.

**РӮЙКАШКУНӢ** روی‌کش‌کنی пӯшидани чизе бо матоъ ё чарм.

**РӮЙКАШШУДА** روی‌کش‌شده чизе, ки рӯпӯш шудааст.

**РӮЙКУРТА** روی‌کرته куртае, ки аз болои зерпероҳан пӯшида мешавад.

**РӮЙКУШОДА** روی‌کشاده 1. он ки рӯяш ба ҳиҷоб (ниқоб) бошад. 2. хандонрӯй.

**РӮЙМОЛ** رویمال *ниг.* **рӯмол**.

**РӮЙМОЛЧА** رویمالچه *ниг.* **рӯмолча**.

**РӮЙНАВИС//РӮНАВИС** روی‌نویس//رونویس нусхае, ки аз рӯи чизи навишташудае бардошта шудааст, нусха.

**РӮЙНАВИСӢ** روی‌نویسی нусха бардоштан аз рӯи навиштае, нусхабардорӣ.

**РӮЙНАВИШТ** روی‌نوشت *ниг.* **рӯйнавис**.

**РӮЙНАМО** روی‌نما 1. *ниг.* **рӯнамо** 1. 2. муаррифӣ.

**РӮЙНАМОӢ** روی‌نمائی муаррифии китоб ё рӯйдоди нави фарҳангӣ, шинос кардани аҳли зиё ё ҷомеа бо ягон рӯйдоди нав.

**РӮЙНОДИД** روی‌نادید *гуфт.* :**рӯйнодид шудан** ҷангӣ шудан (бо касе), алоқа ва рафтуои худро қатъ кардан.

**РӮЙНОКӢ** روی‌ناکی рӯ ба замин, парӯ.

**РӮЙОВАР** روی‌آور рӯйоваранда, таваҷҷӯҳкунанда.

**РӮЙПАҲН** روی‌پهن рӯи гирд, кулчарӯ, рафидарӯй.

**РӮЙПӮШ** روی‌پوش 1. он чи бо он болои чизе пӯшонда мешавад. 2. ниқоб. 3. пинҳон; **рӯйпӯш кардан** пинҳон намудан.

**РӮЙПӮШӢ//РӮПӮШӢ** روی‌پوشی//روپوشی 1. пӯшидани рӯи худ ё болои чизе. 2. ҷомае, ки аз рӯи (болои) либосҳои дигар мепӯшанд.

**РӮПӮШКУНӢ** روپوش‌کنی пинҳон кардан, пинҳонкунӣ.

**РӮЙРОСТ** روی‌راست кушоду ошкор, он чи кушоду рост ба рӯи кас гуфта мешавад.

**РӮЙСИЁҲ** روی سیاه *ниг.* **рӯсиёҳ**.

**РӮЙТАРОШИДА** روی‌تراشیده он ки ришаш тарошида аст.

**РӮЙХАТ** روی‌خط навиштае, ки дар он номгӯи касон ё чизҳо як ба як қайд ёфтааст, феҳрист, номгӯй.

**РӮЙХАТКУНӢ** روی‌خط‌کنی номгӯи касон ва чизҳоро навиштан, номи чизон ва касонро рӯнавис кардан.

**РӮЙХАТЧӢ** روی‌خطچی *гуфт.* он ки рӯйхат тартиб медиҳад, баҳисобгиранда, тартибдиҳандаи рӯйхат.

**РӮЙҶОЙ** روی‌جای матои сафеде, ки аз болои рахти хоб меандозанд.

**РӮМОЛ//РӮЙМОЛ** رویمال//رومال 1. порчае, ки бо он рӯй ва дастро баъди шустан хушк мекунанд. 2. матои чоркунҷае, ки занҳо ба сар мебанданд.

**РӮМОЛЧА//РӮЙМОЛЧА** رومالچه//رویمالچه даструймол, рӯймоли хурд, дастмол.

**РӮНАВИС** رونویس *ниг.* **рӯйнавис**.

**РӮНАВИСӢ** رونویسی рӯйбардор намудан.

**РӮНАМО//РӮЙНАМО** رونما//روی‌نما 1. тӯҳфае, ки одамони домод ба арӯс дар рӯзи рӯбинон меоранд. 2. муаррифӣ.

**РӮНАМОӢ** رونمایی *ниг.* **рӯйнамоӣ**.

**РӮНОС** روناس решаи як навъ гиёҳе, ки аз он ранги сурх омода месозанд.

**РӮНОСӢ** روناسی *мансуб ба* **рӯнос**; ранги сурх, дорои ранги сурх.

**РӮПАНАҲ** روپنه рӯпӯшида, ниқобдор, он ки

рӯяш намоён нест.

**РӮПӮСТ** روپوست *тиб.* қисмати сатҳии пӯст.

**РӮПӮШ** روپوش *ниг.* **рӯйпӯш**. 1. либоси кушоде, ки маъмулан занон рӯи либосҳои дигар мепӯшанд. 2. либосе, ки одатан ҳангоми кору фаъолият мепӯшанд.

**РӮПӮШАК** روپوشک ниқоб.

**РӮПӮШӢ** روپوشی *ниг.* **рӯйпӯшӣ**.

**РӮПӮШКУНӢ** روپشکنی чизеро пинҳон кардан, далелеро рӯпӯш кардан.

**РӮС** روس чашмгурусна, ҳарис, касе, ки бисёр хӯрок мехӯрад, шикампарвар.

**РӮСАРӢ** روسری *ниг.* **рӯймол**, порчаи маъмулан чаҳоргӯша, ки занон барои пӯшиши сар аз он истифода мекунанд.

**РӮСАФЕД** روسفید беайб, бегуноҳ, он ки бадномие надорад; **рӯсафед шудан** бегуноҳ шудан, аз айб пок гардидан, некном шудан.

**РӮСАФЕДӢ** روسفیدی беайбӣ, бегуноҳӣ, некномӣ.

**РӮСИЁҲ** روسیاه 1. он ки чеҳрааш сиёҳранг бошад. 2. бадкор, бадном, гунаҳгор; **рӯсиёҳ кардан** *касеро* бадном ва шарманда кардан; **рӯсиёҳ шудан** бадном (шарманда) шудан.

**РӮСИЁҲӢ** روسیاهی бадномӣ, шармандагӣ.

**РӮСУРХ** روسرخ 1. сурхинарӯиӣ, сурхина. 2. *маҷ.* сарбаланд.

**РӮТУРШ** روترش туршрӯ, ғазаболуд, хиратабъ.

**РӮФТА** روفته ҷорӯб шуда, аз хасу хошоку партов тоза шуда.

**РӮФТАН** روفتن рӯбидан, ҷорӯб кардан, пок кардан (*ҷоеро аз партов*).

**РӮФТУРӮБ** روفتوروب ҷорӯбкунӣ, ғунучини хона; **руфтурӯб кардан** ҷорӯб (рӯбучин) кардан.

**РӮФТУЧИН** روفتوچین *ниг.* **руфтурӯб**.

**РӮХУНУК** روخنک 1. безеб, дилнокаш; *муқоб.* **рӯгарм; ситорагарм**. 2. шарманда, муттаҳам.

**РӮҲ** روح 1. равон, ҷон. 2. ҳолати ботинии (қалбии) одам.

**РӮҲАН** *а.* روحاً аз ҷиҳати рӯҳӣ, аз ҷиҳати маънавӣ аз ҷиҳати равонӣ: **рӯҳан қавӣ**.

**РӮҲАФЗО//РӮҲФИЗО** روحافزا//روحفزا ҷонбахш, ҳаловатовар, зиндадилкунанда.

**РӮҲАФЗОӢ** روحافزایی ҷонбахшӣ, ҳаловатоварӣ, зиндадилӣ.

**РӮҲАФТОДА** روحافتاده он ки кайфияташ хуб нест, маъюс, ноумед.

**РӮҲАФТОДАГӢ** روحافتادگی маъюсӣ, ноумедӣ.

**РӮҲБАЛАНД** روحبلند он ки кайфияти хушу фараҳнок дорад.

**РӮҲБАЛАНДӢ** روحبلندی шавқ, ҷӯшу хурӯш, зиндадилӣ.

**РӮҲБАЛАНДКУНӢ** روحبلندکنی ба касе қуввати дил додан, рӯҳан дастгирӣ намудан, дилбардорӣ, зиндадилкунӣ.

**РӮҲБАЛАНДОНА** روحبلندانه боумедона, зиндадилона.

**РӮҲБАХШ** روحبخش қуввати дилдиҳанда, дилбардоранда, далеркунанда.

**РӮҲБОН** *а.* رهبان *ҷ.* **роҳиб**.

**РӮҲБОНИЯТ//РАҲБОНИЯТ** *а.* رهبانیت тарки дунё ва тарки алоиқи дунё барои ибодат, гӯшанишинӣ, ибодат барои омурзиш.

**РӮҲИЯ//РӮҲИЙЯ** *а.* روحیه кайфияти рӯҳӣ, кайфият, ҳолат; **аҳволи рӯҳия** кайфияти ботинии касе.

**РӮҲӢ** روحی *мансуб ба* **рӯҳ**; **бемориҳои рӯҳӣ** бемориҳои равонӣ.

**РӮҲҚА** *а.* روحقه холис, ноб, беғаш (*дар бораи май ва тилло*).

**РӮҲМУРДА** روحمرده маъюс, ноумед.

**РӮҲНАВОЗ** روحنواز ҳаловатбахш, рӯҳбахш, рӯҳафзо.

**РӮҲОНИЯТ** *а.* روحانیت *мансуб ба* **рӯҳонӣ**, рӯҳонӣ будан.

**РӮҲОНӢ** *а.* روحانی 1. *мансуб ба* **рӯҳ**. 2. олими динӣ, пешвои динӣ.

**РӮҲПАРВАР** روحپرور ҳаловатовар, хурсандкунанда.

**РӮҲУЛҚУДС** *а.* روح‌القدس рӯҳи пок, ки гӯё Исои Масеҳ аз осмон ба шогирдони худ фиристод.

**РӮҲФАРСО** روه‌فرسا он чи рӯҳро хаста мекунад, хастакунандаи рӯҳ, мояи азоби рӯҳ, озордиҳанда.

**РӮҲШИНОС** روحشناس он ки ба рӯҳия (кайфияти ботинии) касон пай мебарад, *ниг.* **равоншинос**.

**РӮҲШИНОСӢ** روحشناسی *ниг.* **равоншиносӣ**.

**РӮШАН** روشن *ниг.* **равшан**.

**РӮШИНОС** روشناس 1. ошно, шинос. 2. бошараф, номдор, машҳур, бошаъну шараф. 3. қиёфашинос.

**РӮШИНОСӢ** روشناسی 1. маърифат, шинохт. 2. қиёфашиносӣ.

**РӮШНОИГУЗАР** روشنایی‌گذر он чи аз худ нурро мегузаронад, нургузар, нургузарон.

**РӮШНОИДАРО** روشنایی‌درا шикоф, рахнае, ки ба воситаи он ба ҷое нур медарояд.

**РӮШНОИДИҲАНДА** روشنایی‌دهنده манбае, ки аз он нур мебарояд.

**РӮШНОИДИҲӢ** روشنایی‌دهی рӯшноӣ додан, пахши рӯшноӣ.

**РӮШНОИДӮСТ** روشنایی‌دوست он ки ва ё он чи рӯшноиро дӯст дорад.

**РӮШНОИНОГУЗАР** روشنایی‌گذر он чи пеши рӯшноиро мегирад ва онро ба тарафи дигар намегузаронад.

**РӮШНОИТАРСӢ** روشنایی‌ترسی *ниг.* **рӯшноиҳаросӣ**.

**РӮШНОИҲАРОСӢ** روشنایی‌هراسی *тиб.* як навъ бемории равонӣ, ки мубталои он аз рӯшноӣ меҳаросад.

**РӮШНОӢ** روشنایی равшанӣ; *муқоб.* **торикӣ**; фурӯғ, нур; рӯшноӣ додан равшанӣ кардан.

**РӮЪБ** *а.* رعب тарс, бим, ҳарос, воҳима.

**РӮЪЁ** *а.* رؤیا хоббинӣ, он чи дар хоб дида мешавад.

**РӮЪЯТ** *а.* رؤیت 1. дидан, ба чашм дидан, мушоҳида; биниш. 2. ҳолати тобонӣ ва дидашавандагии қурси моҳ дар осмон.

**РӮЯ** رویه 1. сурат, чеҳра, рӯй. 2. шакл, ҳайат. 3. зоҳири ҳар чиз, намо. 4. сатҳ.

**РӮЯКИБИН** رویکی‌بین он ки ба коре ё ба масъалае ғайриҷиддӣ (сатҳӣ) нигоҳ мекунад.

**РӮЯКИБИНӢ** رویکی‌بینی хотирбинӣ кардан, чизеро сатҳӣ додан.

**РӮЯКИКОР** رویکی‌کار нисбат ба кор лоқайд, бепарво, саҳлангор.

**РӮЯКИФАҲМӢ** رویکی‌فهمی чизеро сатҳӣ фаҳмидан, ба мафҳуми чизе амиқ фурӯ нарафтан.

**РӮЯКӢ** رویکی 1. он чи дар рӯй аст, он чи дар рӯи чизе воқеъ мешавад. 2. сатҳӣ, он чи ба моҳияти коре дахл намекунад, ғайриҷиддӣ.

**РӮЯН** روین гиёҳе, ки баргҳои нӯгтез ва гулҳои майдаи зард дорад ва аз решаи он моддаи сурхранге ҳосил мешавад, ки дар рангрезӣ ба кор меравад, рӯнос.

**РӮЯНӢ** روینی сурхранг, мисли сурх.

**РӮЯНРАНГ** روین‌رنگ монанди рӯян, мисли рӯян.

# С

**С** *ҳарфи бисту дуюми алифбои ҳозираи тоҷикӣ; дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ бо се* (ث), *син* (س) *ва сод* (ص) *ифода меёбад, дар ҳисоби абҷад мутаносибан ҳарфи се* (ث) *ба адади* 500, *ҳарфи син* (س) *ба адади* 60 *ва ҳарфи сод* (ص) *ба адади* 90 *баробаранд.*

**САБ(Б)** سب *кит.* дашном, таҳқир; **саб(б) кардан** дашном, таҳқир кардан.

**САБАБ** *а.* سبب 1. боис, иллат, мӯҷиб. 2. васила; **аз сабаби**… бинобар…, барои…; **аз чӣ сабаб** ба чӣ иллат, барои чӣ; **аз ин (ба ин) сабаб** аз боиси ин; бинобар ин, ба ин тариқ, аз ин рӯ; **сабаб доштан** асос доштан; **сабаб нишон додан** баҳона кардан; **сабаб шудан ба** *чизе* боиси чизе шудан; **сабаб гардидан** сабаб шудан.

**САБАБГОР** سببگار боис, омил.

**САБАБДОР** سببدار дорои сабаб, сабаб доштан.

**САБАБИЯТ** *а.* سببیت *фалс.* сабабгорӣ; робитаи мутақобили рӯйдодҳо, ки яке сабаби вуқӯи дигаре мегардад.

**САБАБӢ** I سببی *мансуб ба* **сабаб**; **робитаи сабабӣ** *фалс.* робитаи ба воситаи сабаб муқарраршуда.

**САБАБӢ** II سببی *гуфт.* ӯгай; додар ё хоҳари номида, додархонд ё хоҳархонд.

**САБАБНОК** سببناک босабаб, дорои сабаб.

**САБАБНОКӢ** سببناکی босабаб будан, сабаб доштан.

**САБАБХОҲ** سببخواه он ки муайян намудани сабаби рух додани ҳодиса ё амалеро талаб мекунад.

**САБАБҶӮӢ** سببجوئی ҷӯяндаи сабаб, ҷӯяндаи баҳона, баҳонаҷӯ.

**САБАБҶӮЙ** سببجوی сабаб ҷустан, баҳона ҷустан.

**САБАД** سبد зарфе, ки аз химчаҳои борики дарахт мебофанд (*бештар барои гирифтани мева, сабзавот ва г.*); ◊ **гули сари сабад** кас ё чизе беҳтарин, писандидатарин; он ки ородиҳандаи ягон маҷлис ё маҳфил бошад.

**САБАДБОФ** سبدباف он ки аз навда ва химчаҳои дарахт сабад дуруст мекунад.

**САБАДБОФӢ** سبدبافی 1. амали сабадбоф. 2. ҷои мебофтани сабад, дӯкони сабадбофӣ.

**САБАДПӮШ** سبدپوش он чи сабадро бо он пӯшонанд.

**САБАДТӮР** سبدتور асбоби сабадмонанд, ки барои моҳигирӣ истифода мешавад.

**САБАДЧА** سبدچه *шакли тасғири* **сабад**, сабади хурд.

**САБАДЧИН** سبدچین ангуре, ки баъд аз кандан дар ток ҷо–ҷо мемонад, лошӣ.

**САБАДЧӮБ** سبدچوب *ниг.* **савачӯб**.

**САБАҚ** I *а.* سبق 1. дарс, як миқдори китоб, ки дар муддати як дарс хонда шавад. 2. ибрат; **сабақ гирифтан** а) таълим гирифтан, омӯхтан; б) ибрат гирифтан, аз чизе барои худ хулоса баровардан; **сабақ додан** *ба касе* а) таълим додан, дарс омӯхтан ба касе; б) дар коре хеле моҳир будан, ибрат бахшидан в) танбеҳ додан; **сабақ шудани** *чизе ба касе* дарси ибрат шудани коре ба касе; танбеҳ шудани коре ба касе.

**САБАҚ** II **//САБҚ** *а.* سبق гузашта, кор ва амале,

ки дар гузашта воқеъ шудааст; собиқа.

**САБАҚГИРӢ** سبق‌گیری *исми амал аз* **сабақ гирифан**; таълим гирифтан, омӯхтан.

**САБАҚДИҲӢ** سبق‌دهی *исми амал аз* **сабақ додан**; таълим додан.

**САБАҚОМӮЗ** سبق‌آموز 1. дарсдиҳанда, таълимдиҳанда, муаллим. 2. дарсгиранда.

**САБАҚОМӮЗӢ** سبق‌آموزی амалу шуғли **сабақомӯз** 1, 2.

**САБАЛ** سبل *тиб.* бемории чашм, ки рагҳои чашм сурх мегардад ва чашм хориш пайдо карда обрав мешавад.

**САБАЛАТ** *а.* سبلت *ниг.* **саблат**.

**САББ** *а.* سب *ниг.* **саб(б)**.

**САББОБА** *а.* سبّابه *кит.* ангушти паҳлуи сарангушт, ангушти шаҳодат, ангушти ишорат.

**САББОҒ** *а.* صبّاغ рангрез, кабудгар.

**САББОҒӢ** صبّاغی рангрезӣ, кабудгарӣ.

**САББОК** *а.* سبّاک *кит.* рехтагар; заргар.

**САББОР** *а.* صبّار *кит.* 1. пурсабр, бурдбор.

**САББОҲ** *а.* سبّاح *кит.* 1. шиновар, бисёр шинокунанда. 2. *маҷ.* киштирон.

**САББОҲӢ** سبّاحی *кит.* шиноварӣ, ободонӣ.

**САБЕҲ** *а.* صبیح *кит.* зебо, хушрӯй.

**САБЗ** سبز ба ранги гиёҳи тару тоза; **сабз шудан** рӯидани гиёҳ, барг баровардани дарахт, сабзидан; **мӯйлаб сабз кардан** нав мӯйлаб баровардан.

**САБЗА** سبزه гиёҳи тару тозаи ба гандум ва ҷави навхез монанд, ки аз замин чида нашуда бошад; **сабзаи навхез** гиёҳи акнун нешзада ва сабзида.

**САБЗАБАНДӢ** سبزه‌بندی бо сабзаҳо ороста (*мас., тоқ, дарвоза*).

**САБЗАВОТ** سبزوات маҳсули обчакорӣ (*сабзӣ, пиёз, карам ва дигар гиёҳҳои хӯрокӣ*).

**САБЗАВОТӢ** سبزواتی *мансуб ба* **сабзавот**; **киштҳои сабзавотӣ**.

**САБЗАВОТКОР** سبزوات‌کار он ки сабзавот парвариш мекунад, обчакор.

**САБЗАВОТКОРӢ** سبزوات‌کاری обчакорӣ.

**САБЗАВОТФУРӮШ** سبزوات‌فروش он ки сабзавот мефурӯшад.

**САБЗАВОТФУРӮШӢ** سبزوات‌فروشی 1. шуғли сабзавотфурӯш. 2. ҷое, ки сабзавот мефурӯшанд, дӯкони фурӯши сабзавот.

**САБЗАЗОР** سبزه‌زار замини сергиёҳи сабзу хуррам, марғзор, чаман: **сабзазор кардани роҳравҳо**.

**САБЗАЗОРКУНӢ** سبزه‌زارکنی саҳро ё ҷоеро об дода сабзазор кардан.

**САБЗАК** I سبزک *ниг.* **сабзина**.

**САБЗАК** II سبزک 1. сабзаҳои навруста. 2. *гуфт.* резакардаи хушкондаи барги пиёз, кашнич ва *мон. ин*, ки ба хӯрок меандозанд (асосан дар зимистон).

**САБЗАК** III سبزک номи парандае, ки парҳои сабз дорад, сабзқабо.

**САБЗАХӮР** سبزه‌خور ҳайвони алафхор.

**САБЗГУН//САБЗГУНА** سبزگون//سبزگونه сабзранг.

**САБЗИДАН** سبزیدن 1. рӯидан, неш зада баромадан (гиёҳ). 2. расидан, ба воя расидан, авҷ гирифтан.

**САБЗИДОН** سبزی‌دان ҷои махсус барои нигоҳ доштани сабзӣ; **зағомаи сабзидон**.

**САБЗИКАҲАК** سبزی‌کهک *бот.* сабзии худрӯй.

**САБЗИНА** سبزینه сабзранг; гандумгун.

**САБЗИНАГӢ** سبزینگی сабзранг будан, пӯсти бадани гандумгун доштан.

**САБЗИНАРАНГ** سبزینه‌رنگ *ниг.* **сабзина**.

**САБЗИНАРӮ(Й)** سبزینه‌رو(ی) гандумирӯй.

**САБЗИНАЧЕҲРА** سبزینه‌چهره *ниг.* **сабзинарӯ**.

**САБЗИПОРАКУНӢ** سبزی‌پاره‌کنی *ниг.* **сабзирезакунӣ**.

**САБЗИРАНГ** سبزی‌رنگ зарди сурхранг, ранги сабзимонанд.

**САБЗИРЕЗАКУНАК** سبزی‌ریزه‌کنک асбоб махсус барои реза (пора) кардани сабзӣ.

**САБЗИРЕЗАКУНӢ** سبزی‌ریزه‌کنی сабзӣ пора кар-

дан: **тахтаи сабзирезакунӣ**.

**САБЗИФУРӮШ** سبزی‌فروش фурӯшандаи сабзӣ.

**САБЗИФУРӮШӢ** سبزی‌فروشی 1. шуғли сабзифурӯш. 2. дӯкони фурӯши сабзӣ.

**САБЗИҶОТФУРӮШ** سبزی‌جات‌فروش *ниг.* **сабзавотфурӯш**.

**САБЗИҶОТФУРӮШӢ** سبزی‌جات‌فروشی *ниг.* **сабзавотфурӯшӣ**.

**САБЗИШ** سبزش 1. сабзидан, рӯидан, нашъунамо. 2. *маҷ.* тараққӣ, пешрафт, шукуфоӣ.

**САБЗӢ** I سبزی сабз будан, ба ранги алаф.

**САБЗӢ** II سبزی *бот.* навъе аз бехмеваҳо –зардак, бехӣ.

**САБЗКОРӢ** سبزکاری сабз кардан, кабудизор намудан.

**САБЗҚАБО** سبزقبا қабои сабз пӯшанда; *муқ.* **сабзпӯш**.

**САБЗНАМО** سبزنما 1. сабзгуна. 2. сабзина, гандумгун.

**САБЗОБ** سبزآب нӯшокии масткунандае, ки дар Ҳиндунстон аз як навъ алафи баргаш канабмонанд мекашанд.

**САБЗОН(И)ДАН** سبزاندن//سبزانیدن рӯёнидан, сабз кардан; ба воя расидан.

**САБЗПОЙ** سبزپای шумқадам, бадбахтиовар.

**САБЗПӮШ** سبزپوش 1. он ки либоси сабз пӯшидааст. 2. ҳирқапӯш; шайх, зоҳид; фариштагон; ◊ **сабзпӯшони нӯҳ хонақоҳ**.

**САБЗРАНГ** سبزرنگ ба ранги сабз монанд.

**САБЗТОБ** سبزتاب моил ба ранги сабз, сабз- намо.

**САБЗФОМ** سبزفام *ниг.* **сабзранг**.

**САБЗХАТ** سبزخط ҷавони навхат, навҷавон.

**САБЗЧА** سبزچه *гуфт.* сабзтоб.

**САБЗЧАШМ** سبزچشم он ки чашми сабзранг дорад.

**САБЗЧЕҲРА** سبزچهره *ниг.* **сабзинарӯ(й)**.

**САБИКА** *а.* سبیکه тилло ва ё нуқраи дар қолаб рехта; ◊ **сабикаи сухан** сухани зебои пурмаъно.

**САБИЛ** I *а.* سبیل роҳ, тариқ; **бар сабили**… ба роҳи…

**САБИЛ** II *а.* سبیل *гуфт.* афганда дар роҳ, фурӯмонда, бесоҳиб; **сабил монад** бесоҳиб монад!, бало ба сараш!, зор монад! (*дар мавриди дилхунукӣ аз касе ё чизе гуфта мешавад*).

**САБИЛМОНДА** I سبیل‌مانده 1. дар роҳ монда; овора, саргардон, бесоҳиб. 2. зормонда, бозмонда.

**САБИЛМОНДА** II سبیل‌مانده *ниг.* **сабил** II.

**САБИР** *а.* صبیر *кит.* собир, сабркунанда.

**САБИЯ** *а.* صبیه *кит.* духтар, духтарча.

**САБӢ** *а.* صبی *кит.* писарбача.

**САБК** I *а.* سبک 1. тарз, равиш. 2. услуб, тарзи баён, тарзи ифодаи фикр.

**САБК** II *а.* سبک 1. қолаби рехтагарӣ. 2. ба қолаб резондани филизи ҷӯшон.

**САБКШИНОСӢ** سبک‌شناسی *адш.* услубшиносӣ.

**САБҚАТ** *а.* سبقت 1. пешдастӣ кардан, пеш гузаштан (*аз касе дар коре*). 2. мусобиқа; **шарти сабқат** шарти мусобиқа.

**САБҚУЛЛИСОН** *а.* سبق‌اللسان сухани ба ногоҳ сарзада, гапи бадоҳатан гуфташуда.

**САБЛАТ** *а.* سبلت 1. мӯйлаб, бурут. 2. *маҷ.* сермӯйлаб, бадҳайбат. 3. *маҷ.* хашму ғазаб.

**САБО** I *а.* صبا боде, ки аз ҷониби шарқ мевазад; боди серуни пагоҳонӣ; **боди сабо** боди саҳаргоҳӣ.

**САБО** II *а.* صبا *кҳн.* кӯдакӣ, бачагӣ; **айёми сабо** даврони бачагӣ.

**САБОЁ** I *а.* صبایا *ҷ.* **сабӣ** I.

**САБОЁ** II *а.* صبایا *ҷ.* **сабия** (духтарбачаҳо).

**САБОСУРЪАТ** صباسرعت чун боди сабо, бодрафтор, тезрафтор.

**САБОТ** *а.* ثبات пойдорӣ, устуворӣ; қарор.

**САБОТКОРӢ** ثبات‌کاری пойдор ва устувор дар иҷрои коре, собитқадам.

**САБОТКОРОНА** ثبات‌کارانه бо собит ва истодагарӣ.

**САБОҲ** *а.* صباح бомдод, сапедадам, субҳгоҳ.

**САБОҲАТ** I *а.* صباحت 1. зебоӣ, хубрӯӣ. 2. шиноварӣ.

**САБОҲАТ** II **//СИБОҲАТ** *а.* صباحت шино кардан, шиноварӣ; **сабоҳат кардан** шино кардан, шиноварӣ намудан, оббурӣ кардан.

**САБОҲӢ** صباحی саҳаргоҳӣ; **насими сабоҳӣ** боди саҳаргоҳӣ, боди сабо.

**САБР** I *а.* صبر бурдборӣ; бардошт, тоқат; **сабр аз даст додан** дигар тоқат карда натавонистан; **сабр кардан** тоқат кардан, бардошт кардан; **косаи сабр лабрез шудан** *маҷ.* дигар тоқату бардошт намондан.

**САБР** II *а.* صبر *бот.* 1. гиёҳест бо баргҳои теғдор, ки дар миёнаи соқаи дарозе руста дар нӯги он гул пайдо мешавад, алоэ. 2. шираи гиёҳи сабр, ки дар тиб(б) ба сифати дору истифода мешавад.

**САБРНОК** صبرناک *ниг.* **босабр**.

**САБТ** I *а.* ثبت навиштан, қайд кардан, зикр намудан; **сабт будан** навишта будан, қайд ёфтан, зикр шудан; **сабт кардан** навиштан, қайд кардан, зикр намудан, дарҷ намудан (*чизеро дар ҷое*); **сабт шудан** навишта шудан, зикр ёфтан.

**САБТ** II *а.* سبت *кит.* шанбе; **асҳоби сабт** қавми яҳуд.

**САБТДОРУ** ثبت‌دارو моддаи кимиёвӣ барои чопи сурат.

**САБУ//САБӮ(Й)** *а.* (سبو//سبوی) *кит.* кӯза барои об, шароб *ва г.*

**САБУК** سبک 1. камвазн; *муқоб.* **вазнин**, **гарон**. 2. андак, кам; **лабханди сабук, изтироби сабук, табассуми сабук; ҷазои сабук** ҷазои андак, ҷазои начандон сахт; **сабук шудани гуноҳ** кам шудани гуноҳ. 3. хафиф; нарм, мулоим: **боди сабук**. 4. осон; ба осонӣ; *муқоб.* **душвор**; **кори сабук**, **сабук бардоштан; сабук нафас гирифтан**. 5. ҷусту чолок (*дар рафтор ва кор*), чобук; чобукона; тез, басуръат. 6. *маҷ.* бетамкин, бемулоҳиза (*нисбат ба одам*); *муқоб.* **вазнин, батамкин**; **сабук будан** а) камвазн будан; б) *маҷ.* бемулоҳиза ва беандеша будан, бетамкин будан (одам); **сабук кардан** кам кардан (*бор, харҷ, қарз ва м.* инҳо); **сабук шудан** а) аз зери бор ва вазнинии чизе раҳо шудан, камбор шудан, зоидан; в) *маҷ.* беандеша будан, бемулоҳиза кору рафтор кардан; г) *маҷ.* аз шиддати беморӣ раҳо ёфтан, аз беморӣ ба по хестан, худро каме беҳтар ҳис кардан, рӯ ба беҳбудӣ овардан аз беморӣ; **бемории сабук** касалии на он қадар хавфнок, касалии андак; **хӯроки сабук** хӯроки зудҳазм; **сабук(тар) карда гуфтан** бе воҳима гуфтани чизе ба касе; **худро сабук ҳис кардан** а) худро озод ва беғам ҳис кардан; фориғбол будан, камташвиш шудан; б) беҳтар шудани саломатӣ, шифо ёфтан. **сабук-сабук** а) андак-андак, кам-кам; б) нарм-нарм, бомулоимат.

**САБУКАК** سبکک *шакли тасғири* **сабук**; хеле сабук.

**САБУКАНДЕШ(А)** سبک‌اندیش//سبک‌اندیشه он ки бемулоҳиза кор мекунад; он ки ҳама ҷониби корро насанҷида ба он иқдом меварзад; *муқоб.* **дурандеш**.

**САБУКАШ** سبوکش кӯзакаш; аз сабу нӯшида.

**САБУКБОЛ** سبک‌بال тезпар (паранда).

**САБУКБОР** سبک‌بار 1. он ки бораш сабук ва ё кам аст. 2. *маҷ.* фориғбол, осуда, бехаёл, beпарво.

**САБУКБОРӢ** سبک‌باری 1. бори кам ва сабук бар дӯш доштан. 2. бемулоҳизагӣ, беғамӣ, бепарвоӣ.

**САБУКВАЗН** سبک‌وزن 1. он ки (ё он чи) вазнаш кам ва сабук аст. 2. *варз.* варзишгари камвазн.

**САБУКВАЗНӢ** سبک‌وزنی вазни сабук доштан, камвазнӣ.

**САБУКВОР** سبک‌وار чобукона, бо чобукӣ, бо чолокӣ.

**САБУКГАРД** سبک‌گرد *ниг.* **сабукрав**.

**САБУКДАВ** سبک‌دو он ки дар давидан ҷусту чолок аст; тезгард.

**САБУКДАСТ** سبک‌دست 1. чобукдаст; тезкор, моҳир. 2. *маҷ.* он ки дасташ кушоиш мебахшад, яъне ҳар кор, хусусан савдо, аз вай кушоиш меёбад; (*байъкушо дар харидуфурӯш*).

**САБУКДАСТӢ** سبک‌دستی чобукӣ, чолокӣ; байъкушоӣ.

**САБУКДӮШ** سبک‌دوش **:аз вазифа сабукдӯш кардан** аз вазифаи ишғолкарда озод намудан.

**САБУКЗАБОН** سبک‌زبان сергап, лаққӣ.

**САБУКИРОДА** سبک‌اراده он ки иродааш суст аст.

**САБУКӢ** سبکی 1. сабук будан, вазни зиёд надоштан, камвазнӣ. 2. осонӣ, саҳлӣ (*дар коре*). 3. имтиёз додан, гузашт кардан. 4. *маҷ.* бетамкинӣ, бемулоҳизагӣ; рафтори ношоями бачагона; **бо сабукӣ** ба осонӣ, бедушворӣ, бахайр; **сабукӣ кардан** рафтори кӯтоҳандешона (бемулоҳиза, бетамкинона) кардан.

**САБУКҚАДАМ** سبکقدم фархундапай, хуҷистапай, муборакқадам.

**САБУКЛИҚО** سبکلقا кушодарӯй; хушандом.

**САБУКМАҒЗ** سبکمغز кӯтоҳандеш, саҳлангор.

**САБУКМАҒЗӢ** سبکمغزی кӯтоҳандешӣ, саҳлангорӣ.

**САБУКМИЗОҶ** سبکمزاج суст, ноустувор, калаванда.

**САБУКМОЯ** سبکمایه 1. беқадр, арзон. 2. фурӯмоя, паст. 3. ҷоҳил, камсавод.

**САБУКМОЯГӢ** سبکمایگی ҷаҳолат, камсавод.

**САБУКПАР** سبکپر *ниг.* **сабукпарвоз**.

**САБУКПАРВОЗ** سبکپرواز тезпар, зудпар.

**САБУКПО(Й)** سبکپا(ی) 1. тезрафтор, зудгард, чолок, чаққон. 2. *маҷ.* бадахлоқ, бероҳа, фоҳиша.

**САБУКРАВ** سبکرو 1. тезгард, чобукрафтор. 2. **мошин** (-и сабукрав).

**САБУКРАВӢ** سبکروی тезравӣ, тезрафторӣ, осонравандагӣ.

**САБУКРАФТОР** سبکرفتار 1. чобукгард, тезгард. 2. *маҷ.* он ки бемулоҳиза рафтор намояд.

**САБУКРАЪЙ** سبکرأی *ниг.* **сабукрой**.

**САБУКРОЙ** سبکرای кӯтоҳандеш, каммулоҳиза.

**САБУКРӮЙ** سبکروی 1. самимӣ, дидадаро. 2. *ниг.* **сабукхез** 2.

**САБУКРӮҲ** سبکروح хушҳол, шодон.

**САБУКРӮҲӢ** سبکروحی хушҳолӣ, шодӣ, хуррамӣ, хурсандӣ, зиндадилӣ.

**САБУКСАВОР** سبکسوار аспсавори чобуку чолок.

**САБУКСАЙР** سبکسیر тезрафтор, тезгард.

**САБУКСАНГ** سبکسنگ камвазн; *ниг.* **сабук** 1.

**САБУКСАР** سبکسر камақл, кӯтоҳандеш.

**САБУКСАРӢ** سبکسری 1. сабукӣ, дарунхолигӣ. 2. *маҷ.* сабукмағзӣ; камақлӣ, беандешагӣ. 3. бетоқатӣ, беҳушона сафсата гуфтани бемор аз шиддати таб.

**САБУКСОР** سبکسار *ниг.* **сабуксар.**

**САБУКСОРӢ** سبکساری *ниг.* **сабуксарӣ.**

**САБУКТАН** سبکتن *ниг.* **сабукҷусса**.

**САБУКТОЗ** سبکتاز 1. чобуксавор. 2. бодпо, тездав. 3. пойгачӣ.

**САБУКФИКР** سبکفکر кӯтоҳандеш, бемулоҳиза.

**САБУКФИКРӢ** سبکفکری кӯтоҳандешӣ, бемулоҳизагӣ.

**САБУКФИКРОНА** سبکفکرانه кӯтоҳандешона, бемулоҳиза.

**САБУКХЕЗ** سبکخیز тезрафтор; чолок, чобук.

**САБУКҶИЛАВ** سبکجلو *ниг.* **сабукъинон**.

**САБУКҶОН** سبکجان *кит.* 1. беҷуръат, тарсончак. 2.ором, безарар.

**САБУКҶОНӢ** سبکجانی 1. беҷуръатӣ, тарсончакӣ. 2. оромтабиатӣ, безарарӣ.

**САБУКҶУССА** سبکجثّه одами ҷуссааш на чандон калон; *муқоб.* **қавиҷусса**.

**САБУКШАВӢ** سبکشوی 1. рӯ ба беҳбудӣ овардан аз беморӣ. 2. зоидани зан.

**САБУКЪИНОН** سبکعنان тезрав, ҷусту чолок, чаққон.

**САБУР** صبور сабркунанда, тобовар, пуртоқат.

**САБУРӢ** صبوری бардошт, таҳаммул, бурдборӣ, тоқат.

**САБӮ** سبو *ниг.* **сабу**.

**САБӮЙ** سبوی *ниг.* **сабу**.

**САБӮКАШ** سبوکش *ниг.* **сабукаш**.

**САБӮС** سبوس пӯсти резашудаи гандум, ҷав *ва г.*, ки пас аз бехтани орди онҳо дар ордбезак боқӣ мемонад.

**САБӮСАК** سبوسک резачаҳои сафед, ки дар мӯй пайдо мешавад; **сабӯсаки сар**.

**САБӮСДОҒ** سبوس‌داغ сабӯсе, ки онро (бо намак) гарм карда дар халтачае ба ҷойи дардноки бадан мегузоранд.

**САБӮСНОК** سبوسناک орди сабӯсдор.

**САБӮСТАРИТ** سبوس‌تریت сабӯси обомехта барои хӯроки чорпо ва мурғон.

**САБӮҲ** *а.* صبوح он чи субҳ (субҳона, ношто) хӯранд ё нӯшанд.

**САБӮҲӢ** صبوحی шаробе, ки субҳи барвақт хӯранд.

**САБҲА//СУБҲА** *а.* سبحه мӯҳраҳои ба ришта чидашуда, тасбеҳ; **сабҳаи саддона** тасбеҳе, ки сад мӯҳра дорад.

**САБЧА** سبچه ҳосили навбастаи харбуза ва дигар киштҳои полезӣ: **сабча бастан.**

**САБЪ** I *а.* سبع ҳайвони ваҳшии даранда.

**САБЪ** II *а.* سبع ҳафт (адад).

**САБЪӢ** سبعی 1. *мансуб ба* **сабъ** I; *мансуб ба* ҳайвони даранда. 2. *маҷ.* ҳайвонӣ, ваҳшигарӣ.

**САБЪСИРАТ** سبع‌سیرت *маҷ.* ҳайвонсират, дарандатабъ.

**САВА** سوه **:сава кардан** *гуфт.* а) бо савачӯб пахта ё пашмро зада тит кардан; б) *маҷ.* кӯфтан, танбеҳ кардан.

**САВАЧӮБ** سوه‌چوب *гуфт.* химчае, ки бо он пахта ё пашмро сава мекунанд.

**САВБ** I *а.* صوب *кит.* тараф, ҷониб, сӯй.

**САВБ** II *а.* ثوب либос, пӯшок.

**САВБА//СӮБА** *а.* صوبه вилоят, қисми муайяне аз мамлакат, ноҳия (*дар Ҳиндустон*).

**САВБАДОР//СӮБАДОР** صوبه‌دار ҳокими вилоят (дар Ҳиндустон).

**САВГАНД** سوگند қасам; ваъдаи тантанавӣ барои садоқат ва коре ва ё қавле; **савганд додан** қасам додан, ба қасамхӯрӣ маҷбур кардан; **савганд ёд кардан** ба таври тантанавӣ ва расман ваъда додан барои садоқат ва коре (*мас., ҳарбиён*); **савганд хӯрдан** қасам хӯрдан; **савганди сарбоз** савганде, ки сарбоз барои садоқат ба халқу Ватан ёд мекунад.

**САВГАНДНОМА** سوگندنامه савганди навишта, матни савганд.

**САВГАНДШИКАН** سوگندشکن он ки қасам хӯрда, ба он амал накардааст, беаҳд.

**САВГАНДШИКАНӢ** سوگندشکنی шикастани савганд, қасам шикастан.

**САВҒО(Т)** *т.* سوغا(ت) тӯҳфаи сафар, раҳовард, дастовез.

**САВҒОТӢ** سوغاتی *ниг.* **савғо(т)**.

**САВДО** I سودا 1. хариду фурӯш, бозоргонӣ, тиҷорат. 2. байъ, муомила, дар сари кам кардани нархи чизе бо фурӯшанда гуфтугузор кардан; **савдои берунӣ** тиҷорат бо мамлакатҳои хориҷӣ; **корманди савдо** касе, ки дар муассисаи савдо кор мекунад; **савдо пухтан** муомила анҷом ёфтан, мувофиқат кардани харидору фурӯшанда дар сари нарх; **савдо кардан** а) байъ кардан, дар бораи нархи чизе ба як қарор омадан; б) фурӯхтан, харидан; хариду фурӯш кардан; **савдоро баробар кардан** дар бораи баҳои чизе ба созиш омадани тарафайн; **савдо шудан** ба фурӯш расидан; ◊ **савдои умр** аҳду паймони якумрӣ, зану шавҳар шудан;

**САВДО** II *а.* سودا 1. хаёл, орзу, хоҳиш. 2. орзуи амалинашаванда, хаёли хом; **савдои хом** хаёли хом, орзуи амалинашаванда. 3. ғам, ғусса, ташвиш; **як сару ҳазор савдо**. 4. *маҷ.* ошуфтагии фикр, молихулёӣ; **ба сари савдои** *чизе* **гузаштан** аз баҳри коре (чизе) гузаштан, дигар орзуи он чизро накардан; **савдои** *чизеро* **ба сар доштан** дар орзуи ба даст даровардани чизе будан, хоҳони чизе будан.

**САВДОВИЯТ** *а.* سوداویت гирифторӣ ба савдо, молихулиёӣ, девонаҳолӣ.

**САВДОВӢ** سوداوی *ниг.* **савдоӣ**.

**САВДОГАР** سوداگر он ки касбаш хариду фурӯш аст, тоҷир.

**САВДОГАРБАЧА** سوداگربچه фарзанди савдогар, тоҷирзода.

**САВДОГАРӢ** سوداگری шуғли савдогар; хариду фурӯш кардан, тиҷорат; **савдогарӣ кардан** бо хариду фурӯш шуғл доштан.

**САВДОЗАДА** سودازده 1. молихуёӣ; девонавазъ. 2. *маҷ.* шайдоӣ.

**САВДОИМИЗОҶ** سودای‌مزاج мизоҷаш номӯътадил, он ки ҳолати рӯҳияш ба як қарор нест.

**САВДОИЯТ** *а.* سودائیت *ниг.* **савдовият**.

**САВДОӢ** سودائی мубталои бемории савдо; савдозада, девонавазъ, молихулёӣ.

**САВИҚ** *а.* سویق 1. машрубот. 2. орди гандум ва ё ҷави бирёнкарда; хӯрокӣ.

**САВИ(Й)Я** سویه сатҳ, дараҷа; **савияи маданӣ** дараҷаи рушди фарҳангӣ; **савияи фикрӣ** дараҷаи инкишофи фикрӣ.

**САВҚ** I *а.* سوق майл, рағбат, кашиш; **савқи табиӣ** тақозои табиӣ.

**САВҚ** II *а.* سوق рондан, рониш, савқ додан, равон кардан, фиристодан.

**САВЛАТ** I *а.* صولت ҳайбат, салобат: **аз савлаташ об ях мекунад** (*мақ.*). 2. ҳашамат, шукӯҳ, виқор; калонгирӣ; **бо савлат** бо виқор: **бо савлат қадам ниҳодан**.

**САВЛАТ** II *а.* صولت ҳамлаи бо хашму ғазаб, бо қаҳр ҳуҷум кардан; хашмгинӣ, қаҳру ғазаб.

**САВЛАТДОР** صولتدار *ниг.* **савлатманд**.

**САВЛАТДОРӢ** صولتداری *ниг.* **савлатмандӣ**.

**САВЛАТМАНД** صولتمند мағрур, мутаккабир, ҳавобаланд.

**САВЛАТМАНДӢ** صولتمندی мағрурӣ, мутаккабирӣ, босалобатӣ.

**САВЛАҶОН** صولهجان *кит.* *муарраби* **чавгон**; ◊ **сар аз савлаҷони** *касе* **тобидан** саркашӣ кардан, итоат накардан.

**САВМ** *а.* صوم *кҳн.* рӯза, рӯзадорӣ.

**САВМАА** صومعه 1. ибодатхонаи насоро, дайр. 2. хонақоҳи шайхон ва зоҳидон.

**САВМААНИШИН** صومعهنشین 1. зоҳид, обид. 2. роҳиб, шайх.

**САВО** *а.* سوا 1. мобайн, миёна. 2. баробар, яксон.

3. ҷуз, магар, ғайр.

**САВОБ** I *а.* ثواب 1. подош (*барои кори нек*). 2. кори нек, кори хайр; *муқоб.* **гуноҳ**, **убол**; **(аз) барои савоб!** дар мавриди илтимосу илтиҷо гӯянд; **кори савоб** кори хайр, кори нек; **аз савоб намон!** кори савобе кун!

**САВОБ** II *а.* صواب рост, дуруст; *муқоб.* **хато**; **савоб дидан** дуруст донистан,

**САВОБАНДӮЗӢ** ثواباندوزی бисёр кори хайр намудан, амали нек анҷом додан, савоби бисёр гирифтан.

**САВОБДИД** صوابدید фикру раъйи рост ва дуруст; маслиҳат; роҳнамоӣ.

**САВОБИҚ** سوابق *ҷ.* **собиқа**.

**САВОБИТ** ثوابت *ҷ.* **собита**.

**САВОБӢ** ثوابی кори нек, некукорӣ, хайру эҳсонкорӣ.

**САВОБКОР** ثوابکار он ки кори нек ва савоб мекунад.

**САВОБКОРӢ** ثوابکاری кору амали савоб кардан.

**САВОБТАЛАБ** ثوابطلب он ки савоб мехоҳад, савобхоҳ.

**САВОБҶӮ** ثوابجو ҷӯяндаи савоб; *ниг.* **савобталаб**.

**САВОД** I *а.* سواد 1. хонда ва навишта тавонистан; **савод баровардан** хондаву навиштанро ёд гирифтан; **савод доштан** соҳиби хату савод будан, хатхон ва хатнавис будан; **савод омӯхтан** ёд гирифтани хат ва хатнависӣ. 2. сиёҳӣ, сиёҳрангӣ. 3. торикӣ, зулмот, саводи шом, торикии аввали шаб. 4. торикии чизе, ки аз дур маълум мешавад, суроб. 5. нусха, рӯнавис, навишта. 6. сиёҳнавис, мусаввада. 7. гирд, атроф; маҳал; қаламрав; кишвар.

**САВОД** II *а.* سواد *кит.* сиёҳӣ, сиёҳрангӣ.

**САВОДКОРӢ** سوادکاری 1. бо сири сиёҳ дар рӯи чизе нақшкӯбӣ кардан. 2. зарфе, ки бар рӯи он бо сиёҳӣ нақш кӯбида шудааст.

**САВОДНОК** سوادناک он ки навиштан ва хондан метавонад, хатхон; **саводнок кардан** *касеро* савод омӯхтан ба касе.

**САВОДНОКӢ** سوادناکی хондан ва навишта тавонистан, хатхон будан.

**САВОДОМӮЗ** سوادآموز он ки хондан ва навиштан меомӯзад.

**САВОДОМӮЗӢ** سوادآموزی 1. хондану навиштан омӯхтан ба касе. 2. хондану навиштан омӯхтани касе.

**САВОИҚ** *а.* صواعق *ҷ.* **соиқа**.

**САВОЛ** *а.* سوال *шакли дар талаффуз маъмулшудаи* суол (*ниг.*); **саволу ҷавоб** а) пурсидан ва ба пурсиш посух гирифтан; б) гуфтугӯ, гуфту-

гузор; **саволи дандоншикан** саволи душвор; **савол додан (кардан)** пурсидан чизеро аз касе.

**САВОЛБОРОН** سوالباران :**саволборон кардан** *касеро* аз касе паиҳам ва аз ҳад зиёд пурсидан дар бораи чизе.

**САВОЛДОР** سوالدار гуфтор ё навиштае, ки дар он пурсише ҳаст: **ҷумлаи саволдор** *збш.* ҷумлаи суолӣ.

**САВОЛӢ** سوالی *мансуб ва марбут ба* **савол; ҷумлаи саволӣ** *збш.* ҷумлае, ки хусусияти саволӣ дорад.

**САВОЛНОМА** سوالنامه варақае, ки дар он чандин пурсишу дархост оварда шудааст, пурсишнома.

**САВОЛОМЕЗ** سوال‌آمیز :**нигоҳи саволомез** нигоҳи пурсишомезона.

**САВОМЕЪ** *а.* صوامع *ҷ.* **савмаа**.

**САВОНЕҲ** *а.* سوانح *ҷ.* **сониҳа.**

**САВОР//СУВОР** سوار 1. он ки бо асп ё дигар воситаи нақлиёт аз ҷое ба ҷое меравад; *муқоб.* **пиёда**. 2. аспсавор, аспакӣ; **савор кардан** шинондан касеро ба ягон воситаи нақлиёт; **савор шудан** ба ягон воситаи нақлиёт нишастан бо мақсади рафтан ба ҷое (*ба асп, ароба, киштӣ, ҳавопаймо*).

**САВОРА//СУВОРА** I سواره 1. аспсавор, аспакӣ, аракӣ; **пиёдаю савора**. 2. аскари аспсавор.

**САВОРА** II سواره яке аз навоҳои шашмақом.

**САВОРАГАРД** سواره‌گرد :**роҳи саворагард** роҳи махсус барои саворагардон; *муқоб.* **пиёдагард**.

**САВОРАГАРДӢ** سواره‌گردی савори асп, шутур ва хар роҳ рафтан.

**САВОРАНИЗОМ** سواره‌نظام аскари савора, ҷузъи томи савора.

**САВОРАҲУҶУМ** سواره‌حجم ҳуҷуми дастаҳои аспсавор дар ҷанг, аспсавор ҳуҷум кардан.

**САВОРГАРД** سوارگرد он ки савора ба ҷойе меравад.

**САВОРӢ//СУВОРӢ** سواری 1. савор будан; савор шудан; **аспи саворӣ** аспи барои саворшавӣ; *муқоб.* **аспи боркаш**; **вагони саворӣ** вагони мусофирбар. 2. чорпое, ки ба он савор мешаванд, улов. 3. савора; *муқоб.* **пиёда**.

**САВОРШАВӢ** سوارشوی *исми амал аз* **савор шудан**; бар чизе савор шудан.

**САВОҲИЛ** *а.* سواحل *ҷ.* **соҳил**.

**САВР** *а.* ثور *нуҷ.* 1. номи бурҷи дувум аз 12 бурҷи фалак, бурҷи гов. 2. моҳи дуюми солшумории шамсӣ, ки тақрибан ба 21 апрел – 21 май рост меояд.

**САВРАТ** *а.* سورت тезӣ ва тундии ҳар чиз, шиддат; қувват ва зӯрӣ.

**САВРИНҶОН** سورينجان *бот.* як навъи растании гулаш зард.

**САВРӢ** I ثوری *мансуб ба* **савр**; **гелоси саврӣ** гелосе, ки моҳи савр мепазад, гелоси тезпазак.

**САВРӢ** II ثوری сурх, сурхранг; гули сурх.

**САВСАН** سوسن *бот.* гули пиёзбехи рангоранг аз ҷинси занбақ; **савсани обӣ** нилуфар.

**САВСАНӢ** سوسنی *мансуб ба* **савсан**.

**САВСОР** سوسار *зоол.* гурбаи саҳроӣ, ки пӯсти нарм дорад, далв.

**САВТ** I *а.* صوت 1. садо, овоз; 2. яке аз оҳангҳои шашмақом.

**САВТ** II *а.* سوط тозиёна, қамчин.

**САВТИЁТ** صوتيات овошиносӣ.

**САВТИЯ** *а.* صوتيه савтӣ, овозӣ; **усули савтия** тарзи таълими навомӯзон бо усули овоӣ.

**САВТӢ** صوتی 1. *мансуб ба* **савт**. 2. сароянда, хонандаи оҳангҳои классикӣ.

**САВТХОН** صوت‌خوان *кит.* хонандаи оҳангҳои классикӣ.

**САВТХОНӢ** صوت‌خوانی *кит.* хондани оҳангҳои классикӣ; умуман сурудхонӣ.

**САВУМ** سوم *ниг.* **сеюм**.

**САВУМИН** سومين *ниг.* **сеюмин**.

**САГ** سگ ҳайвони хонагии маълум; **саги бӯгир** саге, ки қувваи бӯеии баланд дорад ва изи пои касро гирифта метавонад; **саги обӣ** *ниг.* **сагобӣ; саги сӯзанхӯрда** а) саги беором, саросема; б) *маҷ.* одами беқарору беором; **саги тозӣ** ҷинсе аз сагҳои шикорӣ; **саги ҷӯпонӣ** саге, ки гала ва рамаро посбонӣ мекунад; **саги даргоҳи** *касе* **будан** *маҷ.* ғуломи ҳалқабаргӯши (мутеъ ва фармонбардори) касе будан; **саг**

**соҳибашро намешиносад** *мач.* бетартибию бесаранҷомӣ, ҳар кас дар паи кори худ, ҳама дар ташвиши худ.

**САГАК** I سگک *шакли тасгири* **саг**; сагча.

**САГАК** II سگک ҳалқача, ки ба ҷои тугма ба курта (*махсусан занона*) медӯзанд.

**САГАК** III سگک *бот.* ангури сагак, сагангур, растании худрӯи мевааш хурди кишмишмонанди сурхранг.

**САГАКХОР**سگک‌خوار *бот.* як навъ растании ботлоқии гулҳояш зард.

**САГБАЧА** سگ‌بچه 1. бачаи саг. 2. *таҳқ.* калимаи қабеҳ нисбат ба одами бадзот.

**САГБОЗ** سگ‌باز 1. дӯстдори саг. 2. омӯзандаи саг.

**САГБОН** سگ‌بان бонигари сагон, он ки ба бонӣ кардани сагон машғул аст.

**САГДИДА** سگ‌دیده **:гурбаи сагдида** ҳаросон, ба воҳимаафтода.

**САГДИЛ** سگ‌دل *киноя аз* бераҳм, сангиндил.

**САГДИЛӢ** سگ‌دلی *киноя аз* сахтдилӣ, озордиҳандагӣ; бадфеълӣ.

**САГДОР** سگ‌دار соҳиби саг.

**САГЗАН** سگزن *кит.* тири майда, ки пайконаш бисёр борик ва тез будааст.

**САГЗӢ//СИГЗӢ//САКЗӢ** سگزی//سکزی *таър.* 1. *мансуб ба* **сагзистон**. 2. *мансуб ба* **сакҳо** (*қавми қадими эронитабор*). 3. сокини Сиистони қадим. 4. лақаби Рустами Достон. 5. лаҳҷаи систониён, ки яке аз забонҳои қадими эронист.

**САГӢ** سگی 1. амали саг чун газидан ва даридан ба дандон; **сагӣ кардан** рафтори ношоиста кардан. 2. *мач.* ҷанҷолу ҳархаша ва додуфарёд карда. 3. чизи паст ва бекора, пастсифат.

**САГМАГАС** سگ‌مگس *ниг.* **хармагас.**

**САГМАНИШ** سگ‌منش *ниг.* **сагмизоҷ**.

**САГМИЗОҶ** سگ‌مزاج он ки хӯи сагона дорад; бадхашм.

**САГМОҲӢ** سگماهی *зоол.* моҳии калони дарёӣ, ки дарозиаш то ба 3-5 метр мерасад, сараш ба сари саг монанд аст.

**САГОБӢ** سگ‌آبی ҳайвони обии пӯсташ пурқимат.

**САГПАРАСТ** سگ‌پرست дӯстдори саг, сагбоз.

**САГПАРВАРӢ** سگ‌پروری парвариши саг, нигоҳубини саг.

**САГСОР** سگسار 1. сагмонанд. 2. одами сагсар, одаме, ки сараш чун сари саг будааст. 3. *мач.* ҳарис; ҳариси дунёву мол.

**САГХОНА** سگ‌خانه хона барои саг, катаки саг.

**САГЧА** سگچه *ниг.* **сагбача** 1.

**САГҶОН** سگ‌جان ҷонсахт, пуртоқат.

**САГҶОНӢ** سگ‌جانی ҷонсахтӣ, пуртоқатӣ.

**САҒАЛ** سغل *гуфт.* устухони калони ҳайвони хонагӣ (*ки дар шӯрбо ёош пухта бошад*).

**САҒИР** *а.* صغیر хурд, майда; хурдсол; *муқоб.* **кабир**, **калон**; **сағиру кабир** хурду калон, ҳама; **сағир мондан** бе падару модар шудан.

**САҒИРА** صغیره 1. духтари хурдсол. 2. ятима, духтари бе падару модар. 3. умуман кӯдак, бачаи бе падару модар.

**САҒИРАМОНДА** صغیره‌مانده ятиммонда, бепадару модар монда.

**САҒИРАПАРВАР//САҒИРПАРВАР** صغیره‌پرور//صغیرپرور 1. ғамхори ятимон. 2. тарбиягари ятимон.

**САҒИРАХОНА** صغیره‌خانه *ниг.* **сағирхона**.

**САҒИРӢ** صغیری 1. хурдсолӣ, норасидагӣ ба балоғат. 2. ятимӣ.

**САҒИРХОНА** صغیرخانه парваришгоҳи кӯдакони бе падару модар; *муқ.* **ятимхона**.

**САҒОНА** سغانه мақбарае, ки дар болои қабрҳо аз хишту санг созанд; гӯри аз хишту санг сохта.

**САҒОНАШАКЛ** سغانه‌شکل монанди сағона, ба шакли сағона.

**САҒР** I *а.* ثغر *кит.* дандон(ҳо)и пеш.

**САҒР** II *а.* ثغر *кит.* 1. тангно, гузаргоҳи танг. 2. марз, сарҳад, ҳудуд; замини сарҳадӣ.

**САҒРИБОРИК** سغری‌باریک майдакафал (*ки аз сифатҳои хуби асп аст*).

**САҒРИВАСЕЪ** سغری‌وسیع аспе, ки кафали васеъ дорад, асп ё ҳайвоне, ки қисми ақибаш калону

васеъ аст.

**САҒРИПАҲН** سغرىپهن *ниг.* **сағривасеъ**.

**САҒРИПӮШ** سغرىپوش кафалпӯш, матоъ ки бо он сағрии асп, хар, гов *ва г.-ро* мепӯшонанд.

**САҒРӢ** سغرى кафал (*қисми пасини тана*(*-и асп, хар ва г.*).

**САД** صد *шумора* даҳ карат даҳ.

**САД(Д)** سد банд, девора; девор; монеа дар сари роҳи чизе; **садди роҳ** монеа дар сари роҳ; **садди Чин** девори машҳури хитойӣ; **сад бастан** (**кашидан**) банд сохтан (дар сари роҳи об).

**САДА** I سده *бот.* гуҷум, қайрағоч; ◊ **сада соя диҳад, бед хода** (*зарб.*).

**САДА** II صده сад сол, аср, қарн; садсолагӣ.

**САДА** III صده гурӯҳи саднафара; дастаи садкаса.

**САДА** IV سده яке аз ҷашнҳои қадими миллии мо, ки рӯзи даҳуми баҳманмоҳ (29-30 январ) баргузор мегардид, аз Сада то Наврӯз панҷоҳ шаб ва панҷоҳ рӯз будааст.

**САДА V**سده *таър.* воҳиди марзбандии баъзе аз ноҳияҳои кӯҳӣ дар аморати Бухоро.

**САДАБЕД** سدهبيد *ниг.* **сурхбед**.

**САДАД** *а.* صدد *кит.* ният, қасд, азм; майл; **дар садади** … дар нияти…, дар пайи...

**САДАҚА** *а.* صدقه пул ё чизе, ки ба мӯҳтоҷон ва бенавоён чун хайрот дода мешавад; хайрот; **садақа додан (кардан)** хайрот додан; **садақа пурсидан (талабидан)** хайрот талаб кардан; **садақа радди бало** мақолест, ки садақаталабҳо мегӯянд.

**САДАҚАХӮР** صدقهخور он кӣ бо садақагирӣ (чиз пурсидан аз касон) умр мегузаронад.

**САДАҚАХӮРӢ** صدقهخورى садақаталабӣ, садақагирӣ.

**САДАМА//САДМА** صدمه осеб, зарар; зарба, лат; **садама задан** *ба чизе, коре* осеб расондан, зарба задан.

**САДАРАЙҲОН** سدهريحان *бот.* навъи райҳон, ки ба сада монанд аст.

**САДАФ** *а.* صدف моддаи дурахшдори қиматбаҳост, ки аз он тугма, дастаи корд ва ҳар гуна ашёи зинатӣ месозанд.

**САДАФГУН** صدفگون садафранг.

**САДАФДАНДОН** صدفدندان он ки дандонҳои чун садаф сафед дорад (*сифати маҳбуба*).

**САДАФИН** صدفين аз садаф сохташуда; монанди садаф: **дандонҳои садафин**.

**САДАФӢ** صدفى *ниг.* **садафин**.

**САДАФКОРӢ** صدفكارى садафмонанд, мисли садаф.

**САДАФОСО** صدفآسا садафмонанд, мисли садаф.

**САДАФПОРА** صدفپاره пораи садаф, қисмати ночизи садаф.

**САДАФРАНГ** سدفرنگ *ниг.* **садафгун**.

**САД(Д)БАНДӢ** سدبندى бунёди садд, сохтани оббанд.

**САДБАРГ** صدبرگ гули сербарги хушбӯй.

**САДБАРГЗОР**صدبرگزار ҷое, ки садбарг бисёр аст.

**САДГЕС** سدگيس *ниг.* **садкес**.

**САДГУНА** صدگونه ҳархела, гуногун

**САДДОНА** صددانه шадда ё риштае, ки ба он сад мӯҳра гузаронда шуда бошад; **тасбеҳи саддона** а) тасбеҳи садмӯҳра; б) *маҷ.* аломати зӯҳди риёкорона.

**САДИД** *а.* سديد *кит.* устувор; маҳкамирода; соҳибэҳтиром.

**САДИҚ** صديق *ниг.* **содиқ**.

**САДӢ** صدى 1. аз сад (100) иборатбуда. 2. садсӯма.

**САДКЕС//САДГЕС** سدكيس//سدگيس *кит.* тиру камон, рангинкамоне, ки ҳангоми офтобборон дар осмон пайдо мешавад.

**САДКОРА** صدكاره 1. он ки аз дасташ чандин кор меояд. 2. он ки дар як вақт ба чандин кор иқдом меварзад. 3. *маҷ.* одами дар кор ноустувор, бесубот; **Салими садкора - ҳама кораш нимкора** (*зарб.*).

**САДҚА** *а.* صدقه *гуфт.* қурбон, фидо; **садқа шудан** фидо гардидан (*барои касе*); **садқаи сарат шавам!** қурбонат шавам!, фидоят гардам!; **садқаи гап шав!** дар ҳаққи одами кундфаҳм гӯянд; **садқаи сар!** бало ба пасаш!

**САДО** I صدا савт, овоз; **акси садо** овозе, ки аз инъикоси овоз дар кӯҳ ё ҷои дигар пайдо шуда дубора ба гӯш мерасад; **садои по** шарфаи по; **садои баромадан** овоз шунида шудан; **садо додан** а) овоз баровардан, ба ҷеғи касе ҷавоб гардондан; б) шунида шудан; **садо кардан** ҷеғ задан.

**САДО** II *а.* صدا *маҷ.* радио; **садову симо** радио ва телевизион.

**САДОБАРДОР** صدابردار он ки дар таҳияи намоиш ё филме вазифаи танзими овозро ба ӯҳда дорад, танзимгари овоз.

**САДОГИР** صداگیر гирандаи садо, қабулкунанда ё ба худ кашандаи садо.

**САДОГИРИФТА** صداگرفته он ки овозаш гирифта бошад.

**САДОГУЗАРОН** صداگذران гузаронандаи садо, он чи садоро аз тариқи худ мегузаронад.

**САДОД** *а.* سداد *кит.* 1. ростӣ, дурустӣ. 2. адолат.

**САДОДЕҲ** صداده садодиҳанда, овоздиҳанда.

**САДОДИҲӢ** صدادهی садо додан, овоз баровардан.

**САДОДОР** صدادار дорандаи садо, овоздиҳанда: **зангулачаи садодор**.

**САДОҚАТ** *а.* صداقت дӯстии самимӣ, дӯстӣ аз рӯи ростӣ ва дурустӣ; самимият; вафодорӣ; **бо садоқат** самимона, аз таҳти дил; **бо камоли садоқат** аз рӯи ихлосу самимият, бо самимияти комил; **садоқат доштан** *ба касе* самимӣ будан, вафодор будан ба касе.

**САДОҚАТКОР** صداقتکار *ниг.* **садоқатманд**.

**САДОҚАТМАНД** صداقتمند самимӣ, вафодор, ихлосманд.

**САДОҚАТМАНДӢ** صداقتمندی самимият, ихлосмандӣ, вафодорӣ.

**САДОҚАТМАНДОНА** صداقتمندانه аз рӯи ихлос, аз таҳти дил, бо самимият, самимона, ихлосмандона.

**САДОНИШОН** صدانشان фурӯнишони садо.

**САДОНОГУЗАР** صداناگذر хосияти нагузаронидани садо.

**САДОНОГУЗАРӢ** صداناگذری нагузаронидани садо, қобилияти садо ё овозро нагузаронидан.

**САДОНОГУЗАРОНӢ** صداناگذرانی *шакли бавоситаи* **садоногузаронӣ**.

**САДОНОК** صداناک 1. садодор. 2. *збш.* як қисм овозҳои забон ғайр аз ҳамсадоҳо ва нимсадоҳо.

**САДОНОКӢ** صداناکی *мансуб ба* **садонок**.

**САДОПАРДА** صداپرده *анат.* торҳои тавлиди овоз: **садопардаи гӯш** пардаи овозии гӯш.

**САДОРАС** صدارس масофае, ки дар он овоз шунида мешавад.

**САДОРАТ** *а.* صدارت 1. раис будан, раисӣ кардан. 2. ҳайати раёсат, раёсати маҷлис. 3. *таър.* сарвазирӣ, вазорат. 4. яке аз мансабҳои динӣ дар аморати Бухоро.

**САДОФУРУБАРӢ** صدافروبری садонишон будан.

**САДОСАНҶ** صداسنج андозагири садо, андозагири овоз.

**САДПОРА** صدپاره чок-чок, реш-реш (*дил, ҷигар аз таъсири ишқ, ғаму андӯҳ*); **дили садпора** дили пора – пора.

**САДР** *а.* صدر 1. сина. 2. аввал, оғоз, авали чизе. 3. нишастагоҳи боло, пешгоҳ. 4. *маҷ.* миёна; марказ. 5. болонишин, раис, сардор, пешво; вазир; сарвазир. 6. *таър.* олитарин унвони илмӣ дар Бухорои асрҳои охир, ки пас аз ӯроқ ва судур меояд.

**САДРАНГ** صدرنگ рангин, гуногунранг, рангоранг.

**САДРЕШ** صدریش бисёр решдор, чок-чок (*дил, сина*).

**САДРӢ** صدری 1. раисӣ, раёсат, сардорӣ. 2. мансаби садорат.

**САДРНИШИН** صدرنشین болонишин, пешгоҳнишин.

**САДСОЛА** صدساله 1. он ки сад сол умр дидааст; пир, куҳансол. 2. қадим, дерин: **қиссаи садсола**.

**САДСОЛАГӢ** صدسالگی **:ҷашни садсолагӣ** ҷашне, ки ба ифтихори садсолагӣ баргузор мешавад.

**САДТО** صدتا сад дона; **садто-садто** сад-сад, садтогӣ.

**САДТӮ** صدتو *кит.* садқабат, серқабат, қабатқабат.

**САДУМ** صدم *рақами тартибӣ аз* **сад.**

**САДУМИН** صدمین *ниг.* **садум**.

**САДЧАНД** صدچند сад баробар, аз аввалааш сад бор зиёдтар.

**САДЧОК** صدچاک сахт чок – чок; реш– реш.

**САДШИКАН** سدشکن он чи банд, монеаҳоро аз байн мебардорад.

**САДЯК** صدیک аз сад ҳисса як ҳисса, кам, ночиз.

**САДЯМОҚ** صدیماق *гуфт.* 1. ҷома ва ё либосе, ки бисёр васла-ямоқ дорад. 2. хеле кӯҳна, фарсуда, дарбеҳдор, ямоқдор..

**САДЯМОҚӢ** صدیماقی ҷомаи фарсудаи бисёрвасла.

**САЁҚ** سیاق *гуфт.* **:саёқ-саёқ гаштан** овора гаштан, бекору беҳуда гаштан (дар ҷое).

**САЁҲАТ** *а.* سیاحت сайр, гардиш, сафар (*бо мақсади тамошо*); ҷаҳонгардӣ; **саёҳати фаннӣ** экскурсия.

**САЁҲАТГОҲ** سیاحتگاه ҷои гардиш, ҷои сайру тамошо.

**САЁҲАТДӮСТ** سیاحتدوست он ки сайру саёҳатро дӯст дорад.

**САЁҲАТНОМА** سیاحتنامه сафарнома, китоб ё дафтаре, ки дар он воқеаҳои сафаре баён ёфтааст, хотироти сафар.

**САЗИДАН** سزیدن *кит.* сазовор (лоиқ) будан, арзидан; раво (ҷоиз) будан.

**САЗО** سزا 1. сазовор, лоиқ, шоиста. 2. музд, подош, подоши некӣ ё бадӣ; ҷазо; **сазои** *касеро* **додан** касеро ба подоши амалаш расондан; ҷазо додан; **ба сазои худ расидан** ҷазои худро дидан.

**САЗОВОР** سزاوار лоиқ, шоиста, муносиб: **сазовори таҳсин**, **сазовори танбеҳ**, **сазовор будан**, **сазовор шудан.**

**САЗОӢ** سزای *таър.* 1. дар гузашта як навъ ҷазои ҷисмонӣ, ки гунаҳкорро дар назди ҷамоат чӯб мезаданд. 2. он чи бо он ҳукми ҷазо ба иҷро мерасид (*мас.,* **чӯби сазоӣ**).

**САИД** *а.* سعید саодатманд, хушбахт, бахтиёр; нек, муборак; **рӯзи саид**, **иди саиди Рамазон**.

**САИДТОЛЕЪ** سعیدطالع фархундатолеъ, некбахт.

**САИР** *а.* سعیر *кит.* 1. оташи шӯълавар. 2. *маҷ.* дӯзах.

**САИС** *а.* سئیس аспбон.

**САИСӢ** سئیسی шуғли саис, аспбонӣ.

**САИСХОНА** سئیسخانه аспхона.

**САЙД** *а.* صید 1. шикор кардан, шикор. 2. он чи онро шикор мекунанд, ҷонвари шикоршаванда; **ба як тир ду сайд задан (** *мақ.*); **ба сайди** *касе* **афтодан** ба доми касе гирифтор шудан.

**САЙДАФКАН** صیدافکن сайёди моҳир.

**САЙДГИР** صیدگیر 1. шикоркунанда, шикорӣ. 2. сайёд.

**САЙДГОҲ** صیدگاه ҷои шикор.

**САЙДОЗМУД** صیدآزمود шикорчии ботаҷриба, сайёди таҷрибадор.

**САЙДПАРАСТ** صیدپرست шикорчии ашаддӣ, сайёди боиштиёқ.

**САЙЁД** *а.* صیاد сайдкунанда, шикорчӣ.

**САЙЁДӢ** صیادی шуғли сайёд; шикор кардан.

**САЙЁЛ** *а.* سیال равон (*дар бораи моеот*).

**САЙЁР** *а.* سیار 1. сайркунанда, гарданда. 2. он чи аз ҷое ба ҷое кӯчида меистад: **китобхонаи сайёр**, **кинои сайёр**, **суди сайёр**, **маҷлиси сайёр**. 3. он чи аз дасте ба дасте гузашта меистад: **байрақи сайёр**.

**САЙЁРА** *а.* سیاره *нуҷ.* ҷирми осмонӣ, ки гирди офтоб чарх мезанад ва аз он нур ва гармӣ мегирад.

**САЙЁРАШИНОС** سیارهشناس он ки ба омӯзишу пажӯҳиши сайёраҳо машғул аст.

**САЙЁРАШИНОСӢ** سیارهشناسی илми шинохти сайёраҳо.

**САЙЁФ** *а.* سیاف *кит.* 1. шамшерзан. 2. *таър.* ҷаллод.

**САЙЁҲ** *а.* سیاح саёҳаткунанда, сафаркунанда бо мақсади омӯзиш, ҷаҳонгард, гардишгар, гардишгароӣ.

**САЙЁҲӢ** سیاحی ҷаҳонгардӣ.

**САЙИБ** *а.* ثیب *кит.* марди зандида, бевамард.

**САЙИБА** *а.* ثیبه зани шавҳардида, бева.

**САЙИД** *а.* سید 1. *д.* он ки аз хонаводаи пайғамбар бошад, он ки шаҷарааш ба Муҳаммад (с) мерасад. 2. бузург, сардор, пешво.

**САЙИДА//САЙИДАТ** سیده//سیدة бону, хотун.

**САЙИН** *а.* صیین мустаҳкам, маҳкам, устувор.

**САЙҚАЛ** *а.* صیقل занги чизеро равондан; ҷило додан; ҷило, пардоз; **сайқал додан** а) ҷило додан, суфта кардан, пардоз додан, б) *маҷ.* ғубори чизеро равондан (*мас.*, *дилро*); **сайқал задан** пардоз додан, ҷилодор кардан; **сайқал ёфтан** ҷилодор шудан, аз ғубору занг пок гардидан; тезу буранда шудан, обутоб ёфтан (*мас., корд, шамшер*).

**САЙҚАЛГАР** صیقلگر он ки ба корҳои ҷилодиҳӣ ва зангзудоӣ машғул аст.

**САЙҚАЛГАРӢ** صیقلگری амали ҷило додан ва занг зудудан.

**САЙҚАЛДИҲӢ** صیقلدهی зудудани занг ва ҷилодиҳӣ (*ба оина, шамшер ва г.*).

**САЙҚАЛДОР** صیقلدار ҷилонок, пардоз додашуда.

**САЙҚАЛӢ** صیقلی 1. *мансуб ва марбут ба* **сайқал**. 2. сайқалдиҳанда, косиб ва ҳунарманди сайқалдиҳанда. 3. сайқал додашуда, ҷилоёфта.

**САЙҚАЛКОР**صیقلکار *ниг.* **сайқалӣ**.

**САЙЛ I //СЕЛ** *а.* سیل ҷараёни оби борон, оби зиёде, ки ба сабаби боришҳои зиёди паёпай ва об шудани яхҳо бо шиддат ва суръат ҷорӣ мегардад.

**САЙЛГОҲ//СЕЛГОҲ** سیلگاه селтоз, маҷрои сел, ҷараёнгоҳи сел.

**САЙЛОБ//СЕЛОБ** سیلاب оби тунду тез, оби сел, обе, ки бар асари баланд шудани оби дарёҳо ва дар кӯҳу даштҳо аз сабаби боронгарӣ ё офати дигар (*канда шудани сад, об шудани яхҳо*) пайдо мешавад.

**САЙЛОН** *а.* سیلان [*аслаш* **саялон**] ҷоришавӣ, ҷоришавии об, хун ё моеи дигар; **оби сайлон** оби ҷорӣ.

**САЙЛОНИЯТ** *а.* سیلانیت *физ.* маҷрои ҳаракати ҷисмҳои моеъ, газ ва ё барқ.

**САЙЛРАФТОР//СЕЛРАФТОР** سیلرفتار тезрафтор, тундрав (*сифати асп*).

**САЙР** سیر 1. гардиш, сафар, саёҳат, тамошо; **сайри боғ** гардишу истироҳат дар боғот. 2. тамошои идона; **сайр кардан** а) гардиш кардан; б) аз назар гузарондан; **сайри сулук** тай кардани марҳилаҳои гуногун дар тасаввуф; **сайри таърихӣ** назар афкандан ба таърих ва рӯйдодҳои гузашта.

**САЙРА** سیره парандае аз ҷинси гунҷишк буда, монанди ҷур (ҷул) ва булбул хушовоз аст.

**САЙРАФӢ** صیرفی он ки пули сараро аз носара ҷудо мекунад, заршинос, касе, ки касбу кораш додугирифти пул ва ё иваз кардани пул бо пул аст, сарроф.

**САЙРГОҲ** سیرگاه ҷои сайру гардиш; ҷое, ки сайр барпо мешавад.

**САЙРОН//САЯРОН** سیران *кит.* сайр, гашт, гардиш, рафтор.

**САЙТ I** صیت *кит.* овоза, шӯҳрат; овози нек.

**САЙТ II** سیت *итт.* нишонии махсуси як шахс ва ё як корхона дар шабакаи интернет.

**САЙФ I** سیف *кит.* шамшер; **соҳиби сайф ва қалам** он ки ҳам шамшерзан асту ҳам қаламзан.

**САЙФ II** صیف *кит.* тобистон, фасли гармо.

**САЙФИЯ** صیفیه *кит.* ҷое, ки тобистонро он ҷо гузаронанд; бустонсаро.

**САЙФӢ** صیفی *кит.* тобистонӣ, ҳар чизи мансуб ба тобистон.

**САЙФУР** سیفور *кит.* матои абрешимини нафис.

**САЙҲА//САЙҲАТ**صیحت//صیحه *кит.* чеғ, бонг ва фарёди даҳшатангез.

**САЙҲУН** سیحون *кит.* номи таърихии дарёи Сир.

**САКАЛТУ** سیکلتو *гуфт.* бекорагард, сарсарӣ, муфтхӯр.

**САКАНА//САКАНАТ** سکنت//سکنه 1. оромӣ, сукунат, дар ҷое қарор ва ором гирифтан. 2. сокинон, бошандагон.

**САКАРОТ** *а.* سکرات *ҷ.* **сакрат**; 1. беҳушӣ ва мастиҳо. 2. талвоса, ҷонканӣ; **сакароти марг (мавт)** талвосаи пеш аз марг, ҳолати ҷонканӣ, ҳолати назъ.

**САКАРОТУЛМАВТ** *а.* سکراتالموت ҳолати пеш аз марг, ҳолати назъ.

**САКИНА//САКИНАТ** *а.* سکینه//سکینت оромӣ, осудагӣ, ором.

**САКИҶ** سکج *кит.* ангури хушкшуда, мавиз.

**САККОК** *а.* سکّاک *кит.* 1. он ки пули танга сикка мезанад, дар рӯи танга дарҷ мекунад. 2. кордгар, кордсоз.

**САККОКӢ** *а.* سکّاکی *кит.* амал ва шуғли саккок.

**САКОҲАН** سکاهن *ниг.* **сикоҳан**.

**САКР** *а.* سکر пеши роҳи чизеро бастан, аз пеши чизе садд мондан, садди роҳ кардан.

**САКРАТ** *а.* سکرت *кит.* беҳушӣ, аз тарс шах шудан; мастӣ; **сакрати ҷавонӣ** *маҷ.* ғурури ҷавонӣ.

**САКРОН** *а.* سکران *кит.* маст.

**САКСАВУЛ** سکسوول дарахти кӯтоҳқад ё буттаҳои калон, ки дар биёбонҳои Осиёи Марказӣ мерӯяд ва гармии ҳезумаш хеле баланд мешавад, **тоғ** ва **туғ** ҳам меноманд; **ангишти саксавул** ангишти беғубори серҳарорат, ки аз чӯби саксавул тайёр карда мешуд ва барои гарм кардани сандалӣ ба кор мерафт.

**САКСАВУЛЗОР** سکسوولزار анбӯҳи дарахти саксавул.

**САКСОФОН** *лот.* سکسافان *мус.* асбоби мусиқии дамӣ.

**САКТА** *а.* سکته *тиб.* 1. фалаҷи қалб, резиши хун ба мағз, ё баста шудани раги хун, ки боиси марги ногаҳонӣ мешавад; **сактаи қалб** фалаҷи дил **сакта кардан** а) ба фалаҷи дил гирифтор шудан, ногаҳонӣ мурдан; б) таваққуф, ист, суст шудани ҳаракати чизе; **сакта овардан** боиси таваққуфи коре гардидан, аз ҳаракат боз доштан; халал расонидан. 2) *адш.* зиёдатӣ ё камии ҳарфе дар мисраъ, ё калимаи душворталаффуз, ки ба вазни шеър халал мерасонад.

**САКТАМАЛЕҲ** سکته‌ملیح сактаи малеҳ, ҳиҷои зиёдатӣ дар вазни мисраъ, ки чандон халале намерасонад ва ҷоиз дониста мешавад.

**САКТАХОНӢ** سکته‌خوانی ист ва таваққуфи беҷо вақти хондани чизе ба сабаби нағз надонистани матн.

**САКУБО//СУКУБО** *ю.* سکوبا *кит.* рӯҳонии олирутба дар дини насронӣ, асқуф.

**САҚАВ** سقو *гуфт.* он ки забонаш гирифта гап мезанад, тутила.

**САҚАМ** *а.* سقم беморӣ, касалӣ; нотобӣ.

**САҚАНҚУР** سقنقور *зоол.* ҷонвари сусмормонанд бо чор дасту по, ки дар об ва хушкӣ зиндагӣ мекунад.

**САҚАР** *а.* سقر *д.* дӯзах, ҷаҳаннам.

**САҚАТ** *а.* سقط 1. ҳар чизи вайрон, бефоида, ноқис, паст. 2. дашном, фаҳш; **сақат гуфтан** дашном додан; **сақат шудан** мурдан, нобуд шудани чорпо.

**САҚАТҲИММАТ** سقطهمّت пастҳиммат, беҳиммат, дунҳиммат.

**САҚИЛ** I *а.* ثقیل вазнин, гарон; *муқоб.* **хафиф**, **сабук**; **иборати сақил** ҷумлаи душворфаҳми ғализ.

**САҚИЛ** II *а.* صقیل сайқал додашуда, ҷилоёфта, ҷилонок.

**САҚИМ** *а.* سقیم 1. бемор, касал, мариз, ранҷур; оҷиз, дармонда. 2. нодуруст, хато, ғалат.

**САҚИРЛОТ** *а.* سقرلات//سقرلاط матои нафисе, ки бештар ба ранги сурх ё кабуд будааст; як навъ матои зардӯзӣ, ки дар қадим онро дар Бағдод мебофтаанд.

**САҚИЧ** سقیچ самғи дарахте, ки онро ба таври махсусе тайёр карда мехоянд; чизе ки аз мум пухта ба даҳон гирифта мехоянд; **сақичро аз даҳон бе қил кашидан** *киноя аз* хеле маккору ҳилагар будан.

**САҚИЧАК** سیچک *гуфт.* часпак, часпанда (*мас.*, *лой*).

**САҚӢ** *а.* سقی оббёрӣ, обдиҳӣ.

**САҚҚО** I *а.* سقا *кит.* обоваранда, обкашон, машкоб.

**САҚҚО** II *а.* سقا курача, гулӯлача.

**САҚҚО** III *а.* سقا *ниг.* **сафил**.

**САҚҚО** IV *а* سقا як навъ мурғ, ки дар русӣ пеликан гӯянд.

**САҚҚО** V *а.* سقا 1. дар бозии қимор пули ҷамъшударо гӯянд. 2. як навъ бозӣ дар карта.

**САҚҚОБОЗӢ** سقابازی курачабозӣ, гулӯлачабозӣ.

**САҚҚОДОР** سقادار он чи саққо ё сақкоча дорад.

**САҚҚОЙ** سقائی машкобӣ, обкашӣ.

**САҚҚОЛ** *а.* صقّال сайқалдиҳанда, он ки чизҳоро сайқал диҳад.

**САҚҚОМОНАНД** سقامانند ҳар чизи кулулаи ба саққо монанд.

**САҚҚОХОНА** سقاخانه машкобхона.

**САҚЛОБ//САҚЛАБ** *а.* سقلاب//صقلاب// سقلب//صقلب 1. нажоди славянҳо. 2. мамлакати славяннишин.

**САҚЛОБӢ//САҚЛАБӢ** سقلابی//صقلابی سقلبی//صقلبی *мансуб ба* **Сақлоб**, славянӣ.

**САҚЛОТУН** *ю.- а.* سقلاطون 1. *ниг.* **сақирлот**. 2. *мач.* кабудранг.

**САҚМУНИЁ** *а.* سقمونیا шираи решаи гиёҳест, ки дар кӯҳҳо ва заминҳои санглох мерӯяд, барои муоличаи баъзе бемориҳои меъда ҳамчун дафъи киччa *ва г.* ба кор меравад ва талхмаза буда, исҳоли сафро меорад; *муқ.* **маҳмуда** 2.

**САҚОЛАТ** *а.* ثقالت вазнинӣ, гаронӣ.

**САҚОМ** *а.* سقام беморӣ, касалӣ, ранчурӣ.

**САҚОМАТ** *а.* سقامت *кит.* беморӣ, бемор шудан.

**САҚОЯ** *а.* سقایه 1.обёрӣ. 2. зарфи обнӯшӣ; пиёла, чом.

**САҚР** *а.* صقر *кит.* боз, шоҳин.

**САҚФ** *а.* سقف шифти хона, пӯшиши болои хона.

**САҚФДОР** سقف‌دار дорои шифт.

**САЛ//СОЛ** سل//سال намад барои гузаштан аз об.

**САЛАБ** سلب *кит.* 1. либоси чангӣ. 2. либос, пӯшок.

**САЛАВОТ** صلوات *д. ч.* **салот**; дуо; намоз; **салавот фиристодан** *д.* дуо дуруд, ки вақти зикри номи пайғамбар Муҳаммад (с) ба овози баланд гуфта мешавад; **ба гузашта салавот** кори гузаштаро набояд ёд кард.

**САЛАНГ** سلنگ *бот.* растание аз чинси хоршутур ва шӯра, ки дар регзорҳо мерӯяд.

**САЛАНГ-САЛАНГ** سلنگ سلنگ **:саланг-саланг гаштан** *гуфт.* бекор гаштан.

**САЛАСУЛБАВЛ** *а.* سلس‌البول *тиб.* нигоҳ дошта натавонистани бавл, чакмезак.

**САЛАТ** سلط 1. коҳу. 2. нуқл ва газаке, ки аз коҳу ва сабзавоти дигар тайёр мекунанд.

**САЛАФ** I *а.* سلف *кит.* ачдод, пешинагон, гузаштагон; *муқобили* **халаф**.

**САЛАФ** II *а.* صلف лоф задан, худнамоӣ кардан.

**САЛАФИЯ** *а.* سلفیه (*аз вожаи* **салаф** пешиниён, гузаштагон) номи умумии арбоби дини ислом, ки дар давраҳои мухталифи таърихи ислом шеваи зиндагӣ ва дину ойини пешвоёни давраи аввал (ас-салаф-у-солеҳун)-ро тарғиб карда, ҳамаи навгониҳои баъдиро бидъат маънидод мекарданд; Ибни Ҳанбал, аш-Шофеӣ, Ибни Таймия, ваҳҳобиён, фарандиён, иттиҳодияи ал-Ихвон-ул-муслиминро ба аҳли салаф нисбат медиҳанд; дар таҳқиқоти муҳаққиқони Ғарб салафия бо бунёдгароӣ ва суннатгароӣ муродифи ҳам дониста шудаанд.

**САЛАФӢ** سلفی аз аҳли салаф, он ки давраи аввали исломро қабул дошта, дар баъзе нукоти исломи имрӯз мухолифат дорад, пайрави исломи бунёдӣ.

**САЛАФУТ** *а.* سلفوت олами гузаштагон, замони қадим, замони гузаштагон.

**САЛБ** I *а.* سلب 1. чудо кардани чизе аз чизе. 2. рабудан; дуздидан, ғорат. 3. *фалс.* нафй, инкор; *муқоб.* **эчоб**.

**САЛБ** II *а.* صلب ба дор кашидан, ба дор задан.

**САЛБӢ** سلبی манфӣ; **чавоби салбӣ** чавоби манфӣ.

**САЛВАТ//СУЛВАТ** *а.* سلوت хурсандӣ, хушнудӣ, шодкомӣ; тасаллӣ, ором.

**САЛВӢ** *а.* سلوی *ниг.* **салво** I.

**САЛВО** I *а.* سلوی асал, ангубин, шаҳд.

**САЛВО** II *а.* سلوی бедона, вартишк.

**САЛИБ** *а.* صلیب *д.* хоч, хоч, чалипо, чӯб ва ё филизи чорчиллик, ки аҳли насоро бар вай ибодат кунанд; **Салиби Сурх** созмони хайрияи байналмилалӣ.

**САЛИБДОР** صلیب‌دار дорандаи салиб; аҳли насоро.

**САЛИБӢ** صلبی 1. чалипоӣ; салибшакл. 2. насронӣ.

**САЛИБКАШӢ** صلیب‌کشی *д.* салиб кашидан, ба чо овардани расми салиб кашидан.

**САЛИБШАКЛ** صلیب شکل ба салиб монанд.

**САЛИҚА** *а.* سلیقه 1. табиат, сиришт; завқ, қобилият. 2. тарз, услуби баён.

**САЛИҚАДОР** سلیقه‌دار 1. соҳибзавқ. 2. қобилиятнок.

**САЛИҚАНОК** سلیقه ناک *ниг.* **салиқадор**.

**САЛИМ** *а.* سلیم солим, саломат, сиҳҳат.

**САЛИМДИЛ** سلیم‌دل 1. софдил. 2. содадил.

**САЛИМҚАЛБ** سلیم قلب *ниг.* **салимдил**.

**САЛИМУЛФИТРА(Т)** *а.* سلیم الفطرة// سلیم الفطره покфитрат, некӯсиришт.

**САЛИС** *а.* سلیس равон, мавзун (*сухан*).

**САЛИТА** *а.* سلیطه зани пургӯй; ҷангара, пургӯй.

**САЛКАШ** سلکش 1. паромчӣ, ронандаи киштии гузора. 2. амадрон, салчӣ.

**САЛҚ//СИЛҚ** *а.* سلق лаблабуи қанд.

**САЛҚИН** سلقین *гуфт.* ҳавои сарди форам, серун.

**САЛҚИНӢ** سلقینی ҳавои серуни форам.

**САЛҚИНШАВӢ** سلقین‌شوی серуншавии ҳаво.

**САЛҚУД** *т.* سلقود *лаҳҷ.* сустшуда; *муқоб.* **таранг**.

**САЛЛА** *а.* سله дастор, аммома: **саллаи афғонӣ**, **саллаи занбарӣ**, **саллаи каловабаст**, **саллаи муллобачагӣ**, **саллаи шалғамӣ**, **аҳли салла шудан** ба бастани саллаи муллогӣ сазовор шудан, муллои хатмкарда шудан.

**САЛЛАБАНДОН** سله‌بندان *таър.* дар гузашта иде будааст, ки барои зани соҳиби се фарзанд ва ё зани синнаш аз сӣ гузаштаи бефарзанд салла мебастанд.

**САЛЛАДОР** سله‌دار он ки салла бандад; шахси салла дар сар.

**САЛЛАКОСА** سله‌کاسه чиҳозест аз шохчаҳои навдаи дарахт, ки бофта шудаанд ва барои овехта нигаҳдории хӯрокворӣ истифода мешавад.

**САЛЛАМНО** سلمنا *гуфт.* аҳсан, офарин.

**САЛЛОТ** سلات 1. *шакли гуфтугӯии* **солдат**. 2. *дар бозии қарта* валет.

**САЛЛОХ** *а.* سلاخ он ки гӯсфанд ё чорпои дигаро кушта пӯст меканад; қассоб (*дар кушишхона*).

**САЛЛОХӢ** سلاخی амал ва шуғли саллох**.**

**САЛЛОХХОНА** سلاخ‌خانه кушторгоҳи чорпоён, кушишхона.

**САЛМА** سلمه чизи нодаркор, ки боиси ташвиши касе шудааст; **салмаи сақат** бори зиёдатӣ, боиси ташвиш дарди сар; **салмаи сар шудан** боиси ташвиш, дарди сар, бори зиёдӣ шудан ба касе.

**САЛМАКӢ** سلمکی *мус.* номи оҳанг аз навоҳои бостонӣ.

**САЛМО** سلما *кит.* 1. номи зани зебое дар араб. 2. *маҷ.* маъшуқа.

**САЛО** *а.* صلا калимаест, ки вақти даъвати ҷамоа барои зиёфат, тӯй ё анҷоми коре гуфта мешавад; чеғ, нидо; даъват; **салои ом** даъват кардани ҳамаи мардум, даъвати умумӣ; **сало задан** чеғ задан, нидо кардан; даъват кардан.

**САЛОБАТ** *а.* صلابت 1. сахтӣ, мустаҳкамӣ, қоимӣ. 2. савлат, маҳобат, ҳашамат; **салобати** *касе* **зер кардан** касеро аз ҳашамат ва салобати касе худро гум кардан. 3. *кит.* тарс, ваҳм.

**САЛОБАТДОР** صلابت‌دار боҳайбат, ҳайбатнок, босалобат, дорои салобат.

**САЛОБАТНОК** صلابت‌ناک *ниг.* **салобатдор**.

**САЛОИҚ** *а.* سلایق *ҷ.* **салиқа**.

**САЛОМ** *а.* سلام 1. сулҳ, амну амон, амон. 2. дуруд, таҳният; **салому алайк** дуруд бар ту! (*ибораест, ки вақти вохӯрӣ бо касе гӯянд*); **саломи низомӣ** саломи ҳарбиён бо қоидаи махсус; **саломи оташин** дуруди самимӣ; **саломи хушк** салом додан бидуни аҳволпурсӣ; **салом-алайк будан (доштан)** бо касе шинос будан, шиносоӣ доштан; **салом додан // салом кардан** вақти вохӯрӣ салому алайк гуфтан; ба салом(и) касе омадан ба зиёрати касе омадан; **саломи** *касеро* **алайк нагуфтан** (нагирифтан) ба касе илтифот накардан, ҳавобаланд ва касношинос шудан; **салому алайк барҳам хӯрдан** қатъи робита кардан, ногап шудан (*ду кас байни ҳам*); **саломро нася кардан** салом надодан, илтифот накардан; **салом расонидан** *ба касе* аз тарафи касе ба касе салом гуфта, ҳолпурсӣ кардан; **ҷавоби саломро гардондан** (додан) ба саломи касе алайк гуфтан.

**САЛОМАТ** *а.* سلامت тандурустӣ; **гӯшаи саломат**

ҷои амн, ҷои бехавфу хатар; **ҷон ба саломат бурдан** аз таҳлукае сиҳат ва бе осебу офат халос шудан; **саломат ёфтан** сиҳат шудан, офият ёфтан; **саломат мондан** зинда будан, сиҳат будан; беосеб мондан, нобуд нашуда мондан; **саратон саломат бошад…** саломат бошед…, осебе набинед…, зинда бошед.

**САЛОМАТӢ** سلامتی тандурустӣ, сиҳат будан.

**САЛОМАТМОНДА** سلامت‌مانده он ки аз хавфу хатаре эмин ва солим мондааст, ҷон ба саломатбурда.

**САЛОМНОМА** سلام‌نامه суруди махсусе, ки вақти ба хонаи домод омадани арӯс хонда мешавад.

**САЛОМОНА** سلامانه ҳадя ё тухфа, ки ба бузургон ҳангоми зиёрати онҳо дода мешуд.

**САЛОМХОНА** سلام‌خانه *кҳн.* толори қабулгоҳи амир.

**САЛОСА** *а.* ثلاثه сегона, сенафарӣ.

**САЛОСАТ** *а.* سلاست нармӣ, ҳамворӣ, равонӣ, мавзунӣ (*сифати сухан*).

**САЛОСАТНОК** سلاست‌ناک дорои салосат, равон, мавзун(сифати сухан).

**САЛОСИЛ** *а.* سلاسل *ҷ.* **силсила**.

**САЛОТ** *а.* صلوة//صلات *д.* намоз; **салоти ҷаноза** намозе, ки вақти дафни мурда хонда мешавад; **савму салот** рӯзаву намоз.

**САЛОТАТ** *а.* سلاطت *кит.* забондарозӣ, серҷоғӣ, ҷангара будан (*оид ба зан*).

**САЛОТИН** *а.* سلاطین *ҷ.* **султон**.

**САЛОҲ** *а.* صلاح хайр, некӣ; **салоҳи кор** хайрияти кор; **салоҳ будан** нек будан; раво будан; **салоҳ дидан** росту дуруст шуморидан, раво донистан; маслиҳат дидан, муносиб донистан.

**САЛОҲДИД** صلاحدید некшуморӣ, муносибдонӣ раводид.

**САЛОҲИЯТ** *а.* صلاحیت лоиқ будан, сазовор будан; шоистагӣ, сазоворӣ.

**САЛОҲИЯТДОР** صلاحیت‌دار босалоҳият, он ки салоҳияти коре ё чизеро дорад.

**САЛОЯ** *а.* صلایه санге, ки дар болояш чизеро (*мас., ранг ё доруеро*) монда месоянд; **салоя кардан** соидан, майда (хока) кардан (*дар байни ду санг*).

**САЛРОНӢ** سلرانی амадронӣ, рондани сал барои гузаштан аз дарё.

**САЛСАБИЛ** *а.* سلسبیل *кит.* 1. оби гуворо, оби софи равону хушхӯр. 2. *д.* номи чашмае дар биҳишт.

**САЛСОЛ** I *а.* سلسال оби равони соф ва гуворо.

**САЛСОЛ** II صلصال 1. гиле, ки барои сохтани сафол тайёр карда мешавад. 2. *д.* гиле, ки Худо одамро аз он сириштааст.

**САЛТ** سلت *гуфт.* холӣ, бебор (*мас., асп*); **аспи салт** аспи зинкардаи бебор ва бесаворае, ки йетак карда баранд; **салт бурдан** асп ё харро бе бор ё бе савора бурдан.

**САЛТАНАТ** *а.* سلطنت подшоҳӣ, фармонравоӣ, ҳукмронӣ; подшоҳӣ кардан.

**САЛТАНАТХОҲ** سلطنت‌خواه он ки толиби тоҷу тахт аст, тахтталаб.

**САЛТАНАТХОҲӢ** سلطنت‌خواهی талабгори тоҷу тахт будан.

**САЛТСАВОР** سلت سوار савори аспи бебор.

**САЛХ** I *а.* سلخ *кит.* рӯзи охирини ҳар як моҳи қамарӣ; *муқоб.* **ғурра**.

**САЛХ** II *а.* سلخ *кит.* пӯст кандан.

**САЛЧӮБ** سلچوب чӯбе, ки аз он амад тайёр мекунанд.

**САЛҶ** *а.* ثلج барф.

**САЛҶУҚИЁН** سلجقیان *ҷ.* **салчуқӣ** *таър.* 1. иттиҳоди қавмҳои туркӣ. 2. сулолае бо номи ин қабоил; қабоили туркнажод, ки баъдан ба номи пешвои онҳо Салчуқ машҳур гардиданд.

**САЛҶУҚӢ** سلجقی аз аҳли салчуқиён.

**САМ(М)** *а.* سم *кит.* заҳр.

**САМАД** *а.* صمد поянда, ҳамеша, ҷовид (*яке аз сифатҳои Худо*).

**САМАДИЯТ** *а.* صمدیت *кит.* абадият, ҷовидонӣ; **боргоҳи самадият** даргоҳи Худованд.

**САМАК** *а.* سمک *кит.* моҳӣ; **аз само то самак** аз авҷи осмон то қаъри Замин, дар ҳама ҷо.

**САМАН** I ثمن *кит.* баҳо, нарх, арзиш.

**САМАН//СУМАН** II سمن *ниг.* **ёсуман.**

**САМАНБАР//СУМАНБАР** سمن‌بر гуландом; зебо, хушрӯй.

**САМАНБАРГ//СУМАНБАРГ** سمن‌برگ мисли гули саман; сафедбарг.

**САМАНБӮ//СУМАНБӮ(Й)** سمن‌بو(ی) 1. дорои бӯи саман. 2. *маҷ.* хушбӯй, муаттар.

**САМАНД** سمند 1. аспи рангаш моил ба зардӣ, булутиранг. 2. умуман асп; **саманди бодпо** аспи тезрафтор.

**САМАНДАР** سمندر 1. ҷонвари калтакалосмонанд, ки ҳам дар об ва ҳам дар хушкӣ зиндагӣ мекунад. 2. ҷонвари афсонавие, ки гӯё дар оташ намесӯзад.

**САМАНЗОР//СУМАНЗОР** سمن‌زار ёсуманзор, гулзор.

**САМАНСО(Й)//СУМАНСО(Й)** سمن‌سا(ی) *киноя аз* атрпош, атрафшон; хушбӯй, муаттар.

**САМАР** I *а.* ثمر 1. мева, бор, бори дарахт; **то реша дар об аст, умеди самаре ҳаст** (*зарб.*). 2. *маҷ.* ҳосил, натиҷа; **самар додан** а) бор овардан, мева кардан, борвар шудан; б) *маҷ.* натиҷа бахшидан.

**САМАР** II *а.* 1. бегоҳӣ, торикии шаб. 2. сухан; афсона ва ҳикояи шабона; афсона; ҳикоя.

**САМАРА** *а.* ثمره *ниг.* **самар** I.

**САМАРАБАХШ//САМАРБАХШ** ثمره‌بخش//ثمربخش 1. ҳосилдиҳанда, боровар. 2. *маҷ.* натиҷанок.

**САМАРАДОР** ثمره‌دار *ниг.* **самаранок**.

**САМАРАНОК** ثمره‌ناک 1. боровар, ҳосилдиҳанда. 2. натиҷадиҳанда; судманд, фоидаовар.

**САМАРАНОКӢ** ثمره‌ناکی боровари, фоидаовар будан.

**САМАРАОВАР** ثمره‌آور *ниг.* **самаранок**.

**САМАРҚАНДӢ** سمرقندی ҳар кӣ ва ҳар чизи *мансуб ба* **Самарқанд**: **нони самарқандӣ**.

**САМБО** *р.* سمبا *варз.* як навъ гӯштини маъмул.

**САМБОЧӢ** سمباچی он ки ба самбо машғул аст.

**САМБӮСА** سمبوسه *ниг.* **санбӯса**.

**САМБӮСАПАЗ** سمبوسه‌پز *ниг.* **санбӯсапаз**.

**САМБӮСАПАЗӢ** سمبوسه‌پزی *ниг.* **санбӯсапазӣ**.

**САМБӮСАФУРӮШ** سمبوسه‌فروش *ниг.* **санбӯсафурӯш**.

**САМБӮСАФУРӮШӢ** سمبوسه‌فروشی *ниг.* **санбӯсафурӯшӣ**.

**САМҒ** *а.* صمغ шилм, моддаи часпандае, ки дар танаю шохи дарахт пайдо мешавад ва бештар каҳрабо дорад.

**САМҒӢ** صمغی *мансуб ба* **сағм**.

**САМДОР** سمدار заҳрдор, олуда бо заҳр.

**САМЕЪ** *а.* سمیع шунаванда, гӯшкунанда; **самеъ ва басир** шунаванда ва бинанда (*киноя аз* доною зирак).

**САМИМ** *а.* صمیم 1. миёнаи ҳар чиз, миёнгоҳ; даруни ҳар чиз; **аз самими қалб** аз таҳти дил. 2. *кит., маҷ.* таҳи дил.

**САМИМИЯТ** صمیمیت сидқӣ будан, садоқат.

**САМИМӢ** صمیمی сидқӣ, аз таҳти дил; **дӯсти самимӣ** дӯсти содиқ.

**САМИМОНА** صمیمانه аз сидқи дил, бо садоқат.

**САМИН** I *а.* ثمین *кит.* гаронбаҳо, пурқимат.

**САМИН** II *а.* سمین фарбеҳ, чоқ; ғафс; **нони самин** нони ғафси фахин.

**САММ** *а.* سم *ниг.* **сам(м)**.

**САММИТ** سمیت ҷаласаи якҷояи сарони якчанд кишвари иттиҳод.

**САММО** *а.* صماء *муаннаси* **асамм**; 1. санги сахт. 2. номи санге дар Байтулмуқаддас.

**САММУЛХИЁТ** *а.* سم‌الخیاط сӯрохи сӯзан.

**САМО** *а.* سما осмон.

**САМОВӢ** سماوی осмонӣ, *мансуб ба* **осмон**; **ҷисмҳои самовӣ**.

**САМОВОР** *р.* سماوار 1. зарфи филизии ҷумакдори махсус барои ҷӯшонидани об. 2. самоворхона, чойхона; **самовор мондан** об ҷӯшондан дар самовор барои чой, оташ мондан ба самовор.

**САМОВОРХОНА** سماوارخانه 1. ҷое, ки самовор ҷӯшонда мешавад. 2. чойхона.

**САМОВОРЧӢ** سماوارچی 1. он ки самовор

мечӯшонад. 2. соҳиби чойхона.

**САМОВОТ** *а.* سماوات *ҷ.* **само**.

**САМОЙ** I سمائی *ниг.* **самовӣ**.

**САМОӢ** II **//СИМОӢ** سمای *мансуб ба* **самоъ** // **симоъ**.

**САМОНА** *а.* ثمانه//ثمان ҳашт (*дар ададҳои таркибии арабӣ дар солшуморӣ истеъмол меёбад*).

**САМОРИС** سمارس *зоол.* як навъ моҳӣ, ки дар русӣ сарделка гӯянд.

**САМОРУҒ** *а.* سمارغ занбӯруғ.

**САМОҲ** *а.* سماح саховат, ҷавонмардӣ, кушодадастӣ, олиҳимматӣ.

**САМОҲАТ** *а.* سماحت некӯкорӣ, саховат, ҷавонмардӣ.

**САМОҶАТ** *а.* سماجت зиштӣ, густохӣ; шилқинӣ; бешармӣ.

**САМОҶАТПЕША** سماجت‌پیشه зиштkор; густох, беҳаё, бешарм.

**САМОЪ** *а.* سماع *кит.* 1. шунидан. 2. шунидани нағмаи суруд. 3. ваҷду сурур ва пойкӯбию дастафшонии сӯфиён.

**САМСОМ** *а.* صمصام шамшери тезу бурон.

**САМТ** *а.* سمت 1. тараф, ҷониб, сӯ; ҷиҳат. **самти рост, самти қибла.** 2. роҳ, равиш, тариқ.

**САМТГИРӢ** سمت‌گیری самт ва тарафро муайян кардан, ҳадафро муайян кардан.

**САМТЁБӢ** سمت‌یابی пайдо намудани роҳи мувофиқ.

**САМТУРРАЪС** *а.* سمت‌الرائس *нуҷ.* нуқтае аз осмон, ки рост дар болои сари одам воқеъ мешавад, нисфуннаҳор.

**САМУМ** *а.* سموم 1. боди гарму сӯзон, ки гиёҳҳоро месӯзонад; гармсел; тафбод. 2. *маҷ.* офати ногаҳонӣ.

**САМУР** سمور *зоол.* 1. ҷонвари монанди рӯбоҳ, ки пӯсти сурхи моил ба сиёҳӣ дорад. 2. пӯсти ин ҷонвар, ки аз он пӯстин медӯзанд.

**САМУРАЙ** *яп.* سموری 1. он ки мансуб ба табақаи имтиёзноки феодалии Япония аст. 2. *маҷ.* ҷангҷӯй, ҷангӣ.

**САМУРИН//САМУРӢ** سمورین//سموری *мансуб ба* **самур**; аз пӯсти самур.

**САМЪ** *а.* سمع 1. гӯш. 2. қувваи шунавоӣ; ба **самъи** *касе* **расондан** гаперо ба касе шунавондан.

**САНА** *а.* سنه сол, таърих; **санаи таърихӣ** солгарди ягон ҳодисаи таърихӣ.

**САНАВБАР** *а.* صنوبر *бот.* дарахте аз ҷинси коҷ.

**САНАВБАРЗОР** صنوبرزار ҷои анбӯҳи дарахти санавбар.

**САНАВБАРҚАД** صنوبرقد *ниг.* **санавбарқомат**.

**САНАВБАРҚОМАТ** صنوبرقامت санавбарқад, болобаланд.

**САНАВБАРХИРОМ** صنوبرخرام хушрафтор.

**САНАД** *а.* سند ҳуҷҷат, далели навишта барои исботи даъво ё муддаое; ҳуҷҷат, далел; **санади қарз** дастхате ки қарзгиранда ба қарздиҳанда медиҳад; **санад овардан** барои исботи даъво ё муддаое ҳуҷҷат овардан.

**САНАДДОР** سنددار исботшуда, далелдошта.

**САНАДИЯТ** سندیت ҳақиқӣ, асоснок.

**САНАДӢ** سندی ҳуҷҷатӣ, бо ҳуҷҷат асоснокшуда.

**САНАДСОЗ** سندساز он ки ҳуҷҷати қалбакӣ месозад.

**САНАДСОЗӢ** سندسازی амали санадсоз.

**САНАМ** *а.* صنم 1. бут; ҳайкале, ки аз санг тарошида, ё аз чӯбу филиз сохта, онро мепарастанд. 2. *маҷ.* маъшуқа, зани зебову дилбар.

**САНАМПАРАСТ** صنم پرست бутпараст.

**САНАМХОНА** صنم خانه бутхона, буткада, ибодатгоҳи бутпарастон.

**САНАТОРИЯ** *лот.* سناتریه *ниг.* **осоишгоҳ**.

**САНБӮСА** سنبوسه таоми хамирие, ки ба даруnаш гӯшт, алаф ё сабзавот андохта мепазанд; **санбӯсаи варақӣ** самбӯсае, ки хамираш тунуки равғании қабат-қабат аст.

**САНБӮСАПАЗ** سنبوسه‌پز он ки санбӯса мепазад.

**САНБӮСАПАЗӢ** سنبوسه‌پزی 1. ҷои пухтани санбӯса. 2. пухтани санбӯса.

**САНБӮСАФУРӮШ** نبوسه‌فروش он ки санбӯса мефурӯшад.

**САНБӮСАФУРӮШӢ** سنبوسه‌فروشی 1. фурӯши санбӯса. 2. ҷои фурӯши санбӯса.

**САНГ** I سنگ 1. ҷисми сахти кӯҳӣ. 2. санге, ки бо он корд ва дигар олатҳои бурандаро тез мекунанд. 3. санги тарозу, вазна; **санги вазнинро об намебарад** (*зарб.*); **ҳар куҷо санг аст, бар пои ланг аст** (*зарб.*); **санги мазор** катибаи болои қабр; **санги масона** *тиб.* санге, ки дар шошадон пайдо мешавад; **санги маҳак** а) санги сиёҳ барои муайян кардани иёри тилло; б) *маҷ.* он чи бо он чизе санҷида мешавад; **санги осиё** санги гирдаи осиё, ки бо қуввати об ба гардиш даромада ғалларо орд мекунад; **санги хоро** санги хеле сахт; **санги маломат** *маҷ.* сухани маломатомез; **санги маломат задан** сухани маломатомез гуфтан; **сангу шиша** ду чизи тамоман ба якдигар зид; **аз дунболи** *касе* **санг андохтан(ҳаво додан)** дар ғайби касе аз вай бадгӯӣ кардан; **санг болои санг нагузоштан** ҷоеро тамоман вайрону фатарот кардан; **санг об шудан** (*ба ҳоли касе аҳволи хеле бад доштан*); **санги роҳи (сари роҳи)** *касе* **будан** монеа ва халалрасони пешрафти кори касе будан, пеши роҳи касеро гирифтан; **ба шикам санг бастан** ба гушнагӣ тоқат кардан; ба кам қаноат кардан; **ба санг бархӯрдани тири** *касе* ба мақсад нарасидан, ба кори умеддоштаи худ ноил нагардидан; **ба сари** *касе* **санг борондан** касеро ба азобу фалокат андохтан; **санг дар бағал доштан** ниҳонӣ кина парвардан барои ниқор фурсат ҷустан; **ҷони** *касе* **аз санг будан** хеле ҷонсахт будан, хеле пуртоқат будан; **сар ба санг задан** аз пушаймонӣ чӣ кор кардани худро надонистан; **санг бардоштан** камвазн будан.

**САНГ** II سنگ *шакли кӯтоҳшудаи* **фарсанг**.

**САНГАК** سنگک 1. *ниг.* **сангча**. 2. *кит.* жола, яхча.

**САНГАНДОЗ** سنگ‌انداز 1. он ки санг меандозад. 2. *таър.* олати қалъашикан, манҷаниқ.

**САНГАНДОЗӢ** سنگ‌اندازی санг андохтан, санг партоб кардан (*ба сӯи касе, чизе*).

**САНГАР** سنگر истеҳкоми муваққат дар майдони ҷанг, шинак.

**САНГАРБАНДӢ** سنگربندی сохтани хандақҳо дар майдони ҷанг.

**САНГАРГОҲ** سنگرگاه ҷойҳои хандак сохташуда дар майдони ҷанг; ҷойи панаҳ.

**САНГБАҚА** سنگ‌بقه *гуфт.* сангпушт.

**САНГБОРОН** سنگ‌باران **:сангборон кардан(ҷоеро)** санги бисёр ҳаво додан ба ҷое.

**САНГБУР** سنگبر дастгоҳ ё касе, ки (аз кӯҳ) санг мебурад.

**САНГБУРӢ** سنگبری бурида гирифтани санг (*аз кӯҳсангҳо*): **асбоби сангбурӣ**.

**САНГҒЕЛОН** سنگ‌غیلان ғелидани сангҳо аз кӯҳ; ғелонидани санг аз кӯҳ.

**САНГҒЕЛОНӢ** سنگ‌غیلانی аз болои кӯҳ сангпораҳоро бо мақсаде ба поён ғелондан.

**САНГДЕВОР** سنگ‌دیوار деворе, ки аз санг бунёд шудааст.

**САНГДИЛ** سنگ‌دل сахтдил, бераҳм, золим.

**САНГДИЛӢ** سنگ‌دلی сахтдилӣ, бераҳмӣ, зулм.

**САНГДОН** سنگ‌دان халтачае, ки байни ҳалқ ва меъдаи мурғон қарор дорад ва донаи хӯрдаи мурғ ба он медарояд, чинадон.

**САНГЗАН** سنگ‌زن 1. сангпартоянда, бо санг зананда; **сангзанро сангшикан бош** ба бадӣ муқобалати бимисл кун, бо бад бад бош. 2. *маҷ.* таъназан.

**САНГЗАНӢ** سنگ‌زنی 1. амали сангзан. 2. айбдор кардан ба чизе.

**САНГЗОР** سنگ‌زار ҷои серсанг, санглох.

**САНГИН** سنگین 1. аз санг сохташуда, сангӣ. 2. гарон, вазнин; *муқоб.* **сабук** 1. 3. *маҷ.* бовиқор, ботамкин, вазнин; *муқоб.* **сабук** 6.

**САНГИНБАҲО** سنگین‌بها гаронбаҳо, қиматбаҳо.

**САНГИНБОР** سنگین‌بار пурбор; вазнинбор.

**САНГИНДАСТ** سنگین‌دست он ки дасташ вазнин аст, яъне ширкати ӯ дар анҷоми коре мушкилӣ эҷод мекунад.

**САНГИНДИЛ** سنگین‌دل сахтдил, бераҳм, бешафқат, золим.

**САНГИНДИЛӢ** سنگین‌دلی сахтдилӣ, бераҳмӣ, бешафқатӣ.

**САНГИНИРОДА** سنگین‌اراده қавиирода, собитрой.

**САНГИНӢ** سنگینی 1. вазнинӣ, вазндорӣ. 2. *маҷ.* тамкин пуртоқатӣ.

**САНГИНҶОН** سنگین‌جان 1. ҷонсахт. 2. *маҷ.* паж-

мурда ва беобуранг.

**САНГИСТОН** سنگستان сангзор, замини санглох.

**САНГӢ** سنگی 1. *мансуб ба* **санг**. 2. аз санг сохташуда; **чопи сангӣ** чопи литографӣ.

**САНГКАШОНӢ** سنگ‌کشانی ба ҷои даркорӣ санги лозимаро бурдан.

**САНГКОР** سنگ‌کار он ки ба сангкорӣ машғул аст.

**САНГКОРӢ** سنگ‌کاری амалу шуғли сангкор.

**САНГКӮБАК** سنگ‌کوبک путки сангшикан.

**САНГЛОХ** سنگلاخ замини серсанг, сангзор.

**САНГМАЙДА** سنگ‌میده сангреза, санги майдашуда.

**САНГМАЙДАКУНАК** سنگ‌میده‌کنک **:мошини сангмайдакунак** *тех.* мошине, ки барои санг майда кардан ихтисос дода шудааст.

**САНГМОНАНД** سنگ مانند *ниг.* **сангсон**.

**САНГНАВИШТ(А)** سنگ‌نوشت//سنگ‌نوشته санге, ки дар он чизе ҳак шудааст, дар санг навишта.

**САНГНАМАК** سنگ‌نمک намаке, ки дар кӯҳҳо ба ҳолати яклухт вомехӯрад ва онро канда мегиранд; *муқ.* **намаксанг**.

**САНГОБ** سنگ‌آب *гуфт.* санглохи соҳили рӯд ва анҳор; обраҳа, селхона.

**САНГОБАК** سنگ‌آبک *лаҳҷ.* пӯсти шахшудаи пой .

**САНГОБДАВАК** سنگ‌آب‌دوک *зоол.* парандаи соҳили рӯдхонаҳо, зоғобӣ.

**САНГОВЕЗ** سنگ‌آویز таноби ба ду тарафаш санговехтае, ки тори бофта нашударо кашида меистад (*дар дастгоҳи бофандагии дастӣ*).

**САНГОЗМОЙ** سنگ‌آزمای бардорандаи сангҳои вазнин ҳамчун варзишгар.

**САНГОСАН** سنگاسن *кит.* каҷова.

**САНГПАР** سنگ‌پر ҷое, ки аз он санг мерезад (*дар кӯҳистон*).

**САНГПАРОНӢ** سنگ‌پرانی санг андохтан (*ба чизе, касе*), сангандозӣ.

**САНГПАХТА** سنگ‌پخته *маъд.*асбест, маъдани ба оташ тобовари гармию баркро нагузаранда.

**САНГПОРА** سنگ‌پاره порае аз санги калон.

**САНГПОЯ** سنگ‌پایه пояи сангин, пояе, ки аз санг бунёд шудааст.

**САНГПУЛ** سنگ‌پل пули сангин.

**САНГПУХТ** سنگ‌پخت навъе аз нон, ки рӯи сангрезаҳои тафсида мепазанд.

**САНГПУШТ** سنگ‌پشت *зоол.* ҷонвари хазандаи сустрафторе, ки баданаш дар ғилофи устухоние ҷо гирифтааст.

**САНГПУШТВОР** سنگ‌پشتوار чун сангпушт (*дар сустрафторӣ*); **сангпуштвор роҳ гаштан** хеле суст роҳ гаштан.

**САНГПУШТМОНАНД** سنگ‌پشت‌مانند ба монанди сангпушт, мисли сангпушт.

**САНГРЕЗ** سنگ‌ریز 1. резиши санг; **ин сангрез** *киноя аз* дунё. 2. ҷое, ки ба он санги бисёре рехта аст.

**САНГРЕЗА** سنگریزه резаи санг, резасанг, сангҳои хурду майда.

**САНГРЕЗӢ** سنگ‌ریزی 1. аз болои кӯҳ ба поён рехтани сангҳо. 2. рехтани санг дар ягон ҷои муайян, (*мас., роҳ, бунёди хона ва г.*).

**САНГСОН** سنگ‌سان 1. сангмонанд. 2. *маҷ.* вазнин, босубот, устувор.

**САНГСОР** سنگسار1. сангандозӣ, сангпартоӣ. 2. *таър.* як тарзи ҷазо, ки гунаҳкорро то миён ба замин гӯр карда, аз ҳар сӯ ҷониби ӯ санг меандохтанд: **сангсор кардан**.

**САНГТАРОШ** سنگ‌تراش он ки сангро тарошида аз он ягон чиз месозад.

**САНГТАРОШӢ** سنگ‌تراشی 1. тарошидани санг. 2. касбу кори сангтарош.

**САНГТӮДА** سنگ‌توده сангҳои болои ҳам рехта, тӯдаи санг.

**САНГУЛА** سنگوله *кҳн.* нони орди сӯк, нони арзан.

**САНГФАРСО** سنگ‌فرسا сангшикан, сангсой.

**САНГФАРШ** سنگ‌فرش роҳе ё ҷое, ки ба заминаш санг чида шудааст: **роҳи сангфарш**.

**САНГХОР** سنگ‌خوار *зоол.* парандаи ботлоқии дарознӯл, кабки мисрӣ.

**САНГХӮРАК** سنگ‌خورک *ниг.* **сангхор**.

**САНГЧАБОЗ** سنگچه‌باز *гуфт.* 1. шахси эҳтиёткор. 2. *маҷ.* мумсик.

**САНГЧАБОЗӢ** سنگچه‌بازی бозии бачагона бо сангчаҳо.

**САНГЧИН** سنگ‌چین 1. он ки аз замин санг мечинад. 2. устои деворзан бо санг.

**САНГЧИНӢ** سنگ‌چینی 1. тоза кардани замин аз санг. 2. деворзанӣ аз санг.

**САНГЧОЛ** سنگ‌چال сангрезаҳои майда, сангмайдаҳои аз сангтарошӣ баромада.

**САНГШИКАН** سنگ‌شکن он ки (ё он чи ) санг мешиканад: **мошини сангшикан**.

**САНГШИКАНӢ** سنگ‌شکنی амали сангшикан (*мас., шуғле дар сохтмон*).

**САНГШИНОС** سنگ‌شناس *геол.* он ки ба омӯзиши навъу таркиби сангҳо машғул аст.

**САНГШИНОСӢ** سنگ‌شناسی илми шинохти санг ва таркиби он.

**САНГШУДА** سنگ‌شده *сифати феълии замони гузашта аз* **санг шудан;** он чи дар натиҷаи гудохтан ва ё шароити дигари табиӣ шах ва сахт мегардад.

**САНДАЛ** I *а.* صندل *бот.* дарахти ҳамешасабзе, ки дар мамлакатҳои гарм мерӯяд, чӯбаш хушбӯй буда хосияти давоӣ дорад.

**САНДАЛ** II *ю.* صندل навъе аз пойафзор, кафши сабуки хонапӯш.

**САНДАЛАК** سندلک *гуфт.* такони сахти ғайриихтиёрии одам, чорпо ва ароба вақти роҳ рафтан; **сандалак додан** пешпо задан, дакка додан; **сандалак хӯрдан** пешпо хӯрдан, ба ҷое дакка зада сахт такон хӯрдани одам, чорпо, ароба дар аснои роҳ.

**САНДАЛИЧА** صندلیچه *шакли тасғири* **сандалӣ**; чорпояи хурд барои нишаст.

**САНДАЛӢ** صندلی чорпояи махсусе, ки болои лахча (нимсӯхтаи чӯб, ангишт) гузошта, ба рӯяш кӯрпа андохта дар гирдогирдаш мешинанд; 2. курсӣ.

**САНДАЛНИШИН** صندلنشین он ки дар курсии махсуси ҷамъомаде нишаста бошад, он ки ҷашн дорад.

**САНДАЛСАРОЙ** صندلسرای **:ин сандалсарои обнусӣ** *киноя аз* **дунё**.

**САНДАЛСОЙ** صندلسای 1. сояндаи сандал; сандалмол. 2. *маҷ.* хушбӯ.

**САНДАРУС** *ю.* سندروس 1. навъе аз моддаи шилиммонади зардранги шабеҳ ба қаҳрабо, ки аз дарахт ҳосил мешавад. 2. *киноя аз* **зард**; зарди моил ба сурхӣ.

**САНДИД** *а.* صندید марди бузург, диловар.

**САНДОН** *а.* سندان оҳани калони рӯяш паҳн, ки оҳангарон ба рӯи он оҳани сӯзонро монда бо путк ё болға ба шакли даркорӣ медароранд.

**САНДОНШИКАН** سمدان‌شکن *кит.* 1. сахт, маҳкам. 2. *маҷ.* вазнин, гарон.

**САНДОНШИКОФ** سندان‌شکاف *кит.* 1. шикофандаи сандон; 2. *маҷ.* тез, буранда.

**САНДУҚ** *а.* صندوق 1. қуттии калони филизӣ ё чӯбӣ барои нигоҳ доштани чизҳо. 2. хазина; **сандуқи пасандоз**. 3. бунёд, фонд: **сандуқи хайрия**; ◊ **сандуқи фалак** осмон.

**САНДУҚА** صندوقه он чи ба шакли сандуқ бошад; **сандуқ(а)и сина** қафас(а)и сина.

**САНДУҚЗАДА** صندوق‌زده он чи ки дар даруни сандуқ ҷо шудааст (*аз қабили* либосворӣ).

**САНДУҚСОЗ** صندوق‌ساز устое, ки сандуқ месозад.

**САНДУҚСОЗӢ** صندوق‌سازی ҳунару кори сандуқсоз.

**САНДУҚЧА** صندوقچه сандуқи хурд барои нигоҳ доштани пул, асбоби зинатӣ *ва ғ.*

**САНДУС** سندوس *кит.* зарбофт; шоҳии зарбофт.

**САНДУСӢ** سندوسی он чи аз сандус тайёр шудааст.

**САНДУФ** سندوف навъе аз матои ҷомаворӣ (*аз қабили* сатин, лас).

**САНЕЪ** *а.* صنیع *ниг.* **сонеъ**.

**САНИН** I *а.* سنین *кит.* тез, тез кардашуда (*оид ба* теғ).

**САНИН** II *а.* سنین *ҷ.* **сана**.

**САНИТАРИЯ** *лот.* سنیتریه *ниг.* **беҳдошт**.

**САНИТАРӢ** سنیتری *ниг.* **беҳдоштӣ**.

**САНИЯ** *а.* ثنیه яке аз чор дандони пеш.

**САНӢ** *а.* سنی 1. баланд, олӣ. 2. баландмартаба, оличоҳ.

**САННОЪ** *а.* صناع санъаткор, сонеъ, ҳунарманд, пешавар, косиб.

**САНО** I *а.* ثنا 1. мадҳ, таҳсин, ситоиш; **ҳамду сано** сипосу ситоиш; **сано гуфтан** касеро мадҳу ситоиш кардан.

**САНО** II *а.* ثنا *тиб.* як навъ гиёҳ, ки дар тиб истифода мешавад; **санои маккӣ** барги борики ҳиноиранги гиёҳи сано, ки дар тиб ҳамчун дору ба кор меравад.

**САНОАТ** *а.* صناعت истеҳсолот ва тавлидоте, ки молҳои хомро ба тариқи ҷараёни истеҳсоли кор карда мебарояд; **саноати вазнин, саноати маъдан, саноати маҳаллӣ, саноати сабук** *ва г.*

**САНОАТВАР** صناعتور ҳунарманд, пешрав.

**САНОАТӢ** صناعتی *мансуб ба* **саноат**; **молҳои саноатӣ, саноатӣ кардан**.

**САНОАТПЕША** صناعتپیشه *кит.* ҳунарманд, косиб.

**САНОАТЧӢ** صناعتچی *ниг.* **санъаткор**.

**САНОБИЛ** *а.* سنابل *ҷ.* **сунбул**.

**САНОГАР** ثناگر санохон, мадҳ ва ситоишкунанда.

**САНОГУСТАР** ثناگستر *ниг.* **саногӯӣ**.

**САНОГӮӢ** ثناگوئی дуогӯӣ, миннатдорӣ.

**САНОГӮЙ** ثناگوی ситоишгар; миннатдор; дӯогӯй.

**САНОДИД** *а.* صنادید *ҷ.* **сандид**.

**САНОДИҚ** *а.* صنادق *ҷ.* **сандуқ**.

**САНОЕЪ** *а.* صنایع *ҷ.* **санъат**; **саноеи нафиса** санъатҳои нафиса.

**САНОЁ** *а.* ثنایا *ҷ.* **сания**; чор дандони пеш, ду дандони боло ва ду аз поён.

**САНОР//СИНОР** سنار ҷои пасти дарё, ки киштӣ дар он ҷо ба лою гил дармонда аз ҳаракат бозмемонад.

**САНОХОН** ثناخوان 1. ситоишгар, мадҳкунанда; 2. шукркунанда, сипосгузор.

**САНОХОНӢ** ثناخوانی шукргузорӣ кардан, дуогӯӣ намудан.

**САНОЧ** سناچ 1. хӯрҷин. 2.халтаи чармини бо ҳаво пур, ки барои аз дарё гузаштан истифода шавад.

**САНОЧАК** سناچک 1. халтаи чармии сафарӣ. 2. пулдони чармӣ.

**САНОҶ** سناج халтаи чармӣ (*ки дар гузашта ба он пулҳои филизӣ меандохтанд*).

**САНОҶИҚ** *а.* سناجق *ҷ.* **санҷақ**.

**САНСКРИТ** *ҳ.* سنسکریت забони қадимаи ҳиндӣ.

**САНСКРИТӢ** *ҳ.* سنسکریتی *мансуб ба* **санскрит**.

**САНСКРИТШИНОС** سنسکریتشناس он ки ба омӯзиши санскрит машғул аст, олими санскритшинос.

**САНСКРИТШИНОСӢ** سنسکریتشناسی илми махсуси таҳқиқ ва омӯзиши забон ва хати давраи бостонии забони ҳиндӣ ки санскрит ном дорад.

**САНТИМЕТР** *фр.* سنتمتر садяки метр (*воҳиди паймоиши дарозӣ*).

**САНТУР** سنتور *мус.* асбоби мусиқии чангмонанд.

**САНТУРЗАН** سنتورزن он ки сантур менавозад.

**САНТУРӢ** سنتوری ҳунарманди сантурнавоз.

**САНҶ** سنج [*муарраби* **чанг**], *мус.* лаълии мисини дар пасаш дастадоре, ки дуи онро мувофиқи оҳанг ба ҳам мезананд; лаълича, лаълӣ.

**САНҶИД** سنجید *бот.* меваи челонмонанд мағзи сафеди ордвор ва пӯсти сурхи тунук дошта, ҷигда.

**САНҶИДАГӮӢ** سنجیده‌گوئی санҷидаву бомулоҳиза сухан гуфтан.

**САНҶИДАГӮЙ** سنجیده‌گوی он ки санҷидаву бамулоҳиза сухан мегӯяд.

**САНҶИДАКОР** سنجیده‌کار пухтакор, озмудакор.

**САНҶИДАН** سنجیدن 1. баркашидан, вазн кардан, паймудан. 2. озмудан, имтиҳон кардан; таҳқиқ кардан, тафтиш кардан. 3. андоза гирифтан, муқоиса кардан, қиёс намудан чизеро бо чизе,

**САНҶИДАШУДА** سنجیده‌شده таҷрибашуда, озмуда.

**САНҶИШ** سنجش *исми феълӣ аз* **санҷидан**; озмо-

иш; баркаш; имтиҳон.

**САНҶОБ** سنجاب *зоол.* ҷонвари ҷангалии ҷаҳандаи хурдтар аз гурба, ки думи дароз ва пӯсти пурмӯю нарми хокистариранг дорад.

**САНҶОБӢ** سنجابی *мансуб ба* **санҷоб**.

**САНҶОҚ** *т.* سنجاق *гуфт.* сарсӯзани як нӯгаш тугмачадор.

**САНЪ** *а.* صنع *ниг.* **сунъ**.

**САНЪАТ** *а.* صنعت 1. пеша, ҳунар, касб, шуғл. 2. инъикоси бадеии воқеият ба воситаи образҳо; **санъати меъморӣ**; **санъати мусиқӣ, санъати наққошӣ** (ё **тасвирӣ**); **санъати шеърӣ** вуқуфи ҳаматарафа ба қавоид ва нозукиҳои шеър; **аҳли санъат** ҳунарпешагон (*дар забонҳои ҳозира хоси санъатҳои нафис*).

**САНЪАТГАР** صنعت‌گر *ниг.* **санъаткор**.

**САНЪАТГАРӢ** صنعت‌گری *ниг.* **санъаткорӣ**.

**САНЪАТДӮСТ** صنعت‌دوست дӯстдори санъат.

**САНЪАТКОР** صنعت‌کار 1. он ки дар санъати худ устоди моҳир аст. 2. устоди соҳаи санъати бадеӣ.

**САНЪАТКОРӢ** صنعت‌کاری маҳорат, устодӣ (*дар коре*).

**САНЪАТКОРОНА** صنعت‌کارانه коре, ки нафис ва хеле моҳирона, бо риояти бадеият ба ҷо оварда шудааст.

**САНЪАТШИНОС** صنعت‌شناس таҳқиқгари санъатҳои нафиса, ҳунаршинос.

**САНЪАТШИНОСӢ** صنعت‌شناسی таҳқиқи санъатҳои нафиса, ҳунаршиносӣ.

**САОДАТ** *а.* سعادت хушбахтӣ, некбахтӣ; бахт.

**САОДАТБАХШ** سعادت‌بخش хушбахтиовар, бахтовар.

**САОДАТЁР**سعادت‌یار он ки бахту иқбол бо вай ёр аст, бахтиёр, саодатманд.

**САОДАТМАНД** سعادتمند масъуд, хушбахт, босаодат, боиқбол.

**САОДАТМАНДӢ** سعادتمندی хушбахтӣ, боиқболӣ, босаодатӣ.

**САОДАТМАНДОНА** سعادتمندانه хушбахтона, хурсандона, боиқболона.

**САОДАТМАОБ** سعادت مآب *ниг.* **саодатманд**.

**САОДАТНИШОН** سعادت‌نشان он ки нишонаҳои саодат аз ӯ ҳувайдост, хушбахт.

**САОЛИБ** *а.* ثعالب *ҷ.* **саълаб**.

**САОЛИК** *а.* صعالیک *ҷ.* **саълук**.

**САПАЛ** سپل *гуфт.* 1. панҷаи пову дасти шутур ё фил. 2. *маҷ.* панҷаҳои паҳни даст ё пой.

**САПАЛПО(Й)** سپل‌پا(ی) он ки пову панҷаи калони зишт дорад.

**САПЕД** سپید *ниг.* **сафед**.

**САПЕДА** سپیده 1. равшании пеш аз баромадани офтоб. 2. як навъ хокаи сафедранг, оҳак.

**САПЕДАДАМ** سپیده‌دم субҳдам, бомдод, саҳари барвақт.

**САПЕДАДАМОН** سپیده‌دمان 1. ҳангоми дамидани субҳ, субҳгоҳон. 2. бомдод, субҳидам.

**САПЕДГОР** سپیدگار *ниг.* **сапедкор**.

**САПЕДГОРӢ** سپیدگاری *ниг.* **сапедкорӣ.**

**САПЕДДАСТ** سپیددست 1. сахӣ, ҷавонмард, он ки дасташ некӣ орад. 2. *киноя аз* мӯъҷизакор.

**САПЕДӢ//САФЕДӢ** سپیدی//سفیدی 1. *марбут ба* **сапед** ва **сафед**; дорои ранги сафед будан, сафедрангӣ. 2. *маҷ.* некӣ, росткорӣ, кори нек, хубӣ.

**САПЕДКОР//САПЕДГОР**سپیدکار//سپیدگار некӯкор; хушбахт.

**САПЕДКОРӢ//САПЕДГОРӢ** سپیدکاری// سپیدگاری некӯкорӣ; хушбахтӣ.

**САПЕДНОМ//САФЕДНОМ** سپیدنام//سفیدنام неком; соҳибобрӯ..

**САПЕДОР** سپیدار *ниг.* **сафедор**.

**САПЕДҶОМА** سپیدجامه *ниг.* **сафедҷома**.

**САП-САФЕД** سپ‌سفید сафеди сафед, сафеди мутлақ.

**САР** I سر 1. узви бадани инсон ва ҳайвон, ки мағз, чашм, гӯш, бинӣ ва даҳон дар он қарор дорад, кала. 2. оғоз, аввал, ибтидо; **сари бозор, сари кӯча**, **сари таҳсил**, **сари тобистон**, **сари шаб**. 3. боло, рӯи; **сари болин**, **сари кӯҳ**, **сари сина**. 4. нӯг; **сари ришта**. 5. хӯша; **як сар ангур, як сар ҷуворӣ.** 6. раис, сардор: **сари қавм**. 7. *маҷ.* майл, рағбат, ҳавас. 8. шумораи асп, ҳар

(*нумератив*): **се сар буз**. 9. нафар, кас; **сари**… а) ҳангоми…, вақти…; б) дар бобати…, аз ваҷҳи…; **сари вақт** дар айни вақти…, бевақт нашуда, фурсат аз даст нарафта; **сари роҳ** он чи дар имтидоди роҳ воқеъ аст; **сари офтоб** бо тулӯи офтоб, офтоб тулӯъ кардан ҳамон; **сари ҳавз** дар гирди ҳавз, дар канори ҳавз; **ба сари**… а) **ба болои**…, дар айни вуқӯи воқеае…; б) дар бораи…, дар хусуси…; **ба сари худ** мустақилан, худ бо худ, бе иштирок ва ёрии каси дигар; **ба сари** *касе* ба ҳар як кас; **аз сари**… аз баҳри…, аз фикри…; **саратро хӯрад** вақти дашном мегӯянд: аз сарат монад; **як сари либос** як маҷмӯаи пурраи либос; **як сару ду гӯш** танҳо, муҷаррад; **аз як сар** ҳама, бе истисно; **як сари мӯй** чизе намондан, ҳеҷ чиз надоштан; **баъд аз сари**…, пас аз марги…, баъд аз вафоти…; баъд аз сари ман, пас аз марги ман; **дар сари**… а) барои…, аз барои…; **ҷанҷол дар сари чист?**; б) дар болои…, дар назди…, дар пеши…; дар гирди…; **дар сари ваъда** дар вақти ваъда кардан; **ба сарат зан!** бало ба пасаш, аз они худат шавад! **(аз) сар то по** аз аввал то охир, тамом, ҳама, ҳамагӣ; **сар ба сар** саросар, аз як сар то сари дигар; **аз сари нав** дубора, аз нав…, аз ибтидо…; **як сари қадам** барои андак вақт, сари роҳ; **ба сари зону** ба зону такя карда; **аз ҳар сар** аз ҳар як; **як сари қоқ** танҳо, якка, бекас; **дарди сар** а) бемории сар; б) *маҷ.* кулфат, ташвиш; **сари обро гирифтан** чорае, кореро ба вақташ дидан, илоҷи воқеаро пеш аз рӯй додани он кардан; **сари** *касеро* **хӯрдан** марги касеро дидан; боиси марги касе шудан; марги касеро дида, баъди вай зинда мондан; **сар (сари** *касе*) **рафтан** ҳалок шудан, нобуд гардидан; **сар раваду обрӯ наравад, сар раваду сир наравад** (*зарб*); **аз як гиребон сар баровардан** муттафиқ будан, ҳамраъй будан, якдилу якзабон будан; муттафиқона ба коре оғоз кардан; **аз сар дур кардан** рафъ кардан, бартараф кардан, монеаеро аз худ дафъ кардан; **сари кореро гирифтан** аз пайи коре шудан, бо коре машғул гардидан; **ба ҳар дар сар задан** ба ҳама ҷо муроҷиат кардан; **аз сар гирифтан** (*кореро*) аз нав шурӯъ кардан (ба коре); **сар тарошидан** мӯи худ (*ё касеро*) бо асбоби сартарошӣ гирифтан, мӯйсар гирифтан (*бо асбоб*); **сари калоба(и) (худ)-ро гум кардан** чи кор кардани худро надониста мондан; **сари калобаи** чизеро **ёфтан** роҳи халли мушкилеро ёфтан, кори худро ба роҳ мондан; **сари худро гирифта рафтан** аз баҳри ҳама касу ҳама чиз гузашта танҳо ба ҷои монда рафтан; **сар тофтан** *ниг.* **сар печидан**; **сар печидан** гарданкашӣ кардан, итоат накардан; **гапро ба сари** *касе* (*чизе*) **овардан** дар бораи касе (чизе) гап кушодан; **ба сари** *касе* **дод задан** дӯғу пӯписа кардан ба касе; **сари роҳро гирифтан** пеши роҳро банд кардан; **сари фуровардан пеши** *касе* изҳори итоат кардан, таслим шудан; **сар гаштан**, **сар чарх задан** чарх задани сар; гардидани сар аз беморӣ ва беқувватӣ; **сару кор доштан** *бо касе, чизе* кордор будан; муомила доштан; **сар кардан** оғоз намудан, ибтидо кардан кореро; **дар сари ҳукумат нишастан** зимоми ҳукуматдориро ба даст гирифтан; **ба сари** *касе* **рехтан** ба касе якбора, нохост ҳуҷум кардан, касеро аз пой даровардан; **ба сар давидан** а) бо саъй ва кӯшиши тамом дар пайи иҷрои коре шудан; б) бо суръати тамом рафтан; **аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан** (*зарб.*); **сар кашидан** а) сар барафроштан, қад баланд кардан; б) нофармонӣ кардан, сар тофтан; **ба сар кашидан** якбора чизи обакиеро нӯшидан (*аз зарф*); **сар ба зону ниҳодан (мондан)** ба фикр ғӯтавар шудан; **ба сари худ шудан** ба ҳоли худ мондан; бесоҳиб мондан, худсар шудан; **ба сар омадан** ба ёд омадан, ба хотир расидан; **ба сар афтодан** (*фикре*) ба хаёл расидани фикре, пайдо шудани фикре; **ба сар афтодани воқеае ё коре)** пеш омадани коре барои касе; **сар ба осмон расидан** бисёр сарфароз ва сарбаланд шудан; ниҳоят шод гардидан; **сар ҷунбондан** бо ҷунбонидани сар ризогӣ ё норизогии худро изҳор кардан, аломати тасдиқ ё рад баён кардан; **сар карда** *касеро* **ба ҷойе бурдан** ҳамроҳ гирифта бурдан, роҳнамо шудан; **ба сар хоридан даст нарасидан** хеле серкор будан; **ба сар бардоштан** а) ҳурмату иззат кардан касеро; б) шӯру ғавғо кардан, сахт овоз баровардан (*дар ҷое*); **сар бастан** ҳосил овардан (*доир ба растанӣ*); **сари** *касе* **ба девор расидан** азоб кашида, танбеҳ дида хатои худро фаҳмидан; **сари** *касе* **ба осмон расидан** ниҳоят хурсанд шудан (аз чизе), сарафроз ва мамнун будан; **сари худро гирифта рафтан** ба ҷое ҳама касу чизро партофта, якка ба ҷойе баромада рафтан; **сар банд будан** а) бо коре машғул будан, саргарми коре будан; б) номзад доштан (*духтар*); **ба сари гапи худ истодан** дар гуфтаи худ собиту устувор будан; ба аҳду қавли худ сахт истодан; **сари кореро гирифтан** аз паи касбу коре шудан; **сари** *касеро* **дуто кардан** касеро зандор ё шавҳардор кардан; **аз сарат (саратон) гардам** фидоят шавам, қурбон шавам, садқа шавад; **сар шудан** а) шурӯъ ёфтан, оғоз ёфтан; б) роҳбар шудан; **як сару гардан баланд будан** аз *касе* хеле бартарӣ доштани касе нисбат ба дигаре; **аз паси (пушти) сари** *касе* дар ғоиби касе, дар вақти ҳозир набудани касе; **сарамро ба кадом дар занам?** ба куҷо равам?, ба мушкили худ чӣ чора ҷӯям; ба кӣ муроҷиат кунам?; **сар ба санг задан** бисёр зӯр задан, ҷидду ҷаҳд кардан, барои ба даст овардани чизе ҳар сахтиро ба худ раво дидан; **ба сари** *касе* **рӯзи сахт омадан** дар сахтӣ ва тангӣ мондан, ба бадбахтӣ, кулфате гирифтор шудан, ба фалокате гирифтор шудан; **сар омадан** тамом шудан, ба охир расидан; **ба сари итоат омадан** итоат кардан, нофармон-бардориро бас кардан; **аз сар гузарондан** (*воқеаеро*) дар воқеае шахсан иштирок доштан; **сарам дилам кор кардан** бо дили нохоҳам кор кардан, кореро бе рағбат,

мусолиҳакорона ба ҷо овардан; **сар ба зер афкандан** сар хам кардан (*аз хиҷолат*); **аз сар берун кардан фикреро** аз худ дур кардан, дигар дар пайи он фикр (кор) нашудан; **ба сар бурдан** ба охир расондан, гузарондан, тай кардан; **умр ба сар бурдан** зиндагӣ кардан, умр гузарондан; **сар хоридан** а) ба фикр рафтан, тааммул кардан; б) мутараддид шуда мондан, чи кор кунам, гуфта фикр карда мондан; **сар додан** а) раҳо кардан (*мас., гӯсфандро ба чаро*); б) худро фидо кардан, аз ҷони худ гузаштан); в) талоқ додан (*зани худро*); г) озод кардан (аз *банду қайд*); д) дар феълҳои таркибӣ омада якбора рӯй додани амалеро нишон медиҳад; **овози худро сар додан** бо тамоми қувва овоз баровардан; **сари аспро сар додан** аспро ба рафтори худаш мондан (лаҷомро раҳо карда); **сар задан** а) сарро аз тан ҷудо кардан, куштан; б) воқеъ гаштан, рӯй додан, пайдо шудан; в) неш зада баромадан (*сабза аз хок*); г) баромадан, тулӯъ кардан; **сару кала задан** *бо касе* панҷа бар панҷа задан, баҳсу талош кардан; **сар бардоштан** а) сарро боло кардан (*мас., ҳангоми хондан ё аз болишт*); б) *маҷ.* муқобил баромадан, исён кардан; **сар халондан** (*ба ҷое*) сар даровардан ба ҷое, сар паноҳ кардан; **як сару ҳазор савдо** фикру хаёли бисёр; ташвиши зиёд; **бо сар рафтан** (*ба ҷое*) бо майл ва рағбати тамом рафтан ба ҷое; **сар бохтан** ҷон додан барои мақсаде; **сар аз пой нашинохтан** бехуд будан (*бештар аз шодӣ*); **сар сари...** (кӯҳ) аз боли кӯҳҳо; **ба сари** *касе* **об рехтан** боиси фалокат ё ҳалокати касе шудани чизе; **сар дар каф будан** бо ҷоннисорӣ тайёр будан; **аз саратон монад!** ба худатон насиб шавад!; **ба сари худ бардоштан** (*ҷоеро*) доду фарёд кардан, мағал кардан.

**САР** II سر 1. хӯшаи ангур: **як сар ангур**. 2. хӯшаи гандум.

**САРА** I سره 1. хуб, нағз, чидаю баргузида, беайб. 2. холис, беғаш, тамомиёр (*тилло, нуқра*); **сара кардан** интихоб карда гирифтан, чида гирифтан.

**САРА** II سره *ниг.* **сар** II.

**САРАВВАЛ** سراول сароғоз, аввали аввал; пеш аз ҳама.

**САРАВЛОД** سراولاد бунёдгузори авлод, падаркалони қавм.

**САРАГРОНОМ** سراگرانام сардори агрономҳо; агрономи калон, саркишоварз.

**САРАЁН** سریان *кит.* ҷорӣ шуда омехтан ба чизе, ба ҳама ҷо расидан; сироят кардан (*беморӣ*).

**САРАК** سرک 1. қисми болоии растаниҳои донадор (*гандум, ҷуворӣ*), хӯша; **сарак бастан** ҳосил бастан. 2. қисми болоии сархонаи чилим

**САРАКБАНДӢ** سرکبندی хӯша бастан, ҳосил бастан.

**САРАКЧИНӢ** سرکچینی чидани хӯшаҳои боқимонади гандум, ҷав, ҷуворӣ баъди дарав.

**САРАМАРД** سره‌مرد *кит.* некмард, марди нек, марди боақлу зирак.

**САРАНГУШТ** سرانگشت 1. нӯги нохунрустаи ангуштони даст, сари ангушт. 2. ангушти калони панҷаҳои даст ва по, нарангушт.

**САРАНДОЗ** I سرانداز 1. барбоддиҳандаи сар, бебок, далер; **сарви сарандоз** *киноя аз* маҳбуба. 2. порчае, ки занон ба сари худ нобаста меандозанд.

**САРАНДОЗ** II سر انداز рӯймол, саргирак.

**САРАНҶОМ** سرانجام 1. поён, ниҳоят, охири коре, оқибат; саранҷом додан (-и коре) ба ҷо овардан, саришта кардан; **саранҷом ёфтан** ба охир расидан, ба хубӣ ба итмом расидани коре; **саранҷом кардан** а) каму кости кореро дуруст кардан, кореро буд кардан; б) саришта кардан, идора кардан.

**САРАНҶОМДИҲӢ** سرانجام‌دهی ҷамъкунӣ, ба охир расондан.

**САРАСКАР** سرعسکر 1. сардори сипоҳ, саркарда, фармондеҳи як даста сипоҳ. 2. *таър.* мансаби олии ҳарбӣ дар аморати Бухоро.

**САРАСПАКӢ** سراسپکی **:ваъдаи сараспакӣ** *киноя аз* ваъдаи нӯги забонӣ, ваъдаи дурӯғ.

**САРАТОН** I سرطان *нуҷ.* 1. номи яке аз бурҷҳо аз 12 бурҷи фалак, харчанг. 2. номи моҳи чоруми солшумории шамсӣ (22 июн – 21 июл).

**САРАТОН** II سرطان *нуҷ.* 1. харчанг (*ниг.*). 2. номи як навъ шапалаки сиёҳи тортанакмонанд, ки ба овози пасттар аз овози занбӯр садо медиҳад. 3. *тиб.* бемории, ки бар асари он дар бадан ҷароҳат, варам ва ба мисли пои харчанг пайдо мешавад.

**САРАТОНЗО** سرطانزا он чи боиси пайдоиши бемории саратон мешавад: **омили саратонзо**.

**САРАТОНШИНОС** سرطانشناس пизишки бемориҳои саратон.

**САРАТОНШИНОСӢ** سرطانشناسی илме, ки ба омӯзишу пажӯҳиш ва табобати бемориҳои

саратон машғул аст.

**САРАФГАНДА//САРАФКАНДА** سرافگنده//سرافکنده 1. сар хамкарда. 2. *мач.* хиҷил, мунфаил, шармсор. 3. *мач.* мутеъ, фармонбардор; фурӯтан, хоксор.

**САРАФГАНДАГӢ//САРАФКАНДАГӢ** سرافگندگی//سرافکندگی 1. итоат, фармонбарӣ. 2. *мач.* фурӯтанӣ, тавозӯъ, хоксорӣ.

**САРАФЗОЛ** سر افزال афзоли асп, ҷиҳози асп.

**САРАФКАНДА** سرافکنده *ниг.* **сарафганда.**

**САРАФКАНДАГӢ** سرافکندگی *ниг.* **сарафгандагӣ.**

**САРАФКАНӢ** سرافکنی тавозӯъ, хоксорӣ, фурӯтанӣ.

**САРАФРОЗ** سرافراز 1. сарбаланд, сар ба боло кашида. 2. ифтихорманд; **сарафроз гардидан (шудан)** ифтихорманд гаштан; **сарафроз кардан** сарбаланду ифтихорманд гардонидан (*касеро*).

**САРАФРОЗӢ** سرافرازی сарбаландӣ, ифтихормандӣ.

**САРАФСОР** سرافسار нӯхта, яккаҷилави аспу хару хачир.

**САРАФШОН** سرافسان сарафкан.

**САРАХБОР** سراخبار 1. *мус.* қисми муқаддимавии асари мусиқавӣ. 2. муқаддима, оғоз.

**САРАХС** سرخس *бот.* як навъ растании худрӯйи доругӣ ва хӯрданӣ.

**САРАЪЗО** سراعضا *зби.* аъзои асосии ҷумла; **сараъзои ҷумла** (*мубтадо ва хабар*).

**САРБАДОРОН** سربداران *таър.* исёнгарони зидди хонадонҳои феодалӣ дар асри XIV.

**САРБАЛАНД** سربلند 1. сарафроз; ифтихорманд. 2. *мач.* мағрур, ба худ боланд.

**САРБАЛАНДӢ** سربلندی 1. баландӣ, сарафрозӣ. 2. *мач.* ифтихор.

**САРБАЛАНДОНА** سربلندانه муваффақона, бо сарбаландӣ.

**САРБАМӮҲР** سربمهر мӯҳр задашуда, мӯҳрнок; сарбаста, кушоданашуда.

**САРБАНД I** سربند рӯмоли сари занон.

**САРБАНД II** سربند банди асосии пеши об, дарғот; сари об.

**САРБАНДАК** سربندک рӯмоли хурди сарбанди занон.

**САРБАРАҲНА** سربرهنه сарлуч, бе рӯймол ё тӯппӣ.

**САРБАРҲАВО** سربرهوا *мач.* баланд, хеле баланд.

**САРБАСТА** سربسته 1. чизе, ки сари он бастагӣ бошад (*шиша, қуттӣ, лифофа ва г.*); *муқоб.* **саркушода, яла.** 2. *мач.* пӯшида, пинҳон; муаммоомез.

**САРБАХШ** سربخش 1. баҳра, ҳисса. 2. қурбон, фидо.

**САРБОҒӢ** سرباغی пардохти маблағ барои боғи ба иҷора гирифташуда.

**САРБОЗ I** سرباز саркушода; *муқоб.* **сарбаста**.

**САРБОЗ II** سرباز *ҳ.* аскар, аскари қатории пиёда; **сарбози сешанбегӣ** *таър.* аскари мансуб ба яке аз дастаҳои ҳарбӣ дар Бухоро.

**САРБОЗГИРӢ** سربازگیری даъват кардани ҷавонон барои хизмат дар қувваҳои мусаллаҳ, аскаргирӣ.

**САРБОЗӢ** سربازی 1. *мансуб ба* **сарбоз**. 2. хизмати аскарӣ: **хизмати сарбозӣ**.

**САРБОЗХОНА** سربازخانه ҷойи исти умумии сарбозҳо, казарма.

**САРБОЛО** سربالا 1. сар ба боло; *муқоб.* **сарозер**. 2. сарбаланд.

**САРБОР** سربار *ниг.* **сарборӣ**.

**САРБОРӢ** سرباری 1. боре, ки аз болои ду той бори асосӣ ба болои аспу хар гузоранд. 2. кори аз ҳадди муқаррарӣ зиёда. 3. одами туфайлӣ, он ки бори зиндагиаш ба гардани дигаре афтода бошад.

**САРБУЗУРГ** سربزرگ 1. соҳиби сари калон, каллакалон. 2. *мач.* сардор, сардори бузург.

**САРБУЗУРГӢ** سر بزرگی сардорӣ, сарварӣ.

**САРБУНА** سربنه 1. ҷой, макон, хона. 2. сардори хонавода.

**САРБУР** سربر он ки сар мебурад, ҷаллод, каллабур; **дузди сарбур** дузди одамкуш.

**САРБУРИДА** سربریده *сифати феълии замони гузашта аз* **сар буридан** кушта шудан бо роҳи

буридани сар, саргирифта, он ки сараш бурида шудааст.

**САРБУРӢ** سربری буридани сар, куштан.

**САРВ** سرو 1. дарахти махрутишакли сӯзанбарги ҳамешасабзи рости баланд. 2. *маҷ.* аз қомати рости мавзун (*сифати маҳбуба*); **сарви озод** а) сарви баланду боло; б) *кинoя аз* ёри хушқад; **сарви равон** *киноя аз* ёри хушқаду қомат, хушрафтор; **сарви хиромон** *киноя аз* ёри қадбаланди хушрафтор; **сарви қабопӯш** *киноя аз* маҳбубаи хушқад.

**САРВАЗИР** سروزیر 1. *таър.* сардори вазирон, вазири аввал. 2. дар баъзе давлатҳои имрӯзаи хориҷӣ сардори ҳукумат, сардори ҳайати вазирон.

**САРВАҚТ** سروقت *кит.* дидор, дидан; **ба сарвақти касе расидан** ба суроғи касе омадан.

**САРВАНДОМ** سرو اندام *ниг.* **сарвқад**.

**САРВАР** سرور сардор, пешво, бузурги қавм.

**САРВАРӢ** سروری сардорӣ, сарӣ, бузургӣ, пешвоӣ; **сарварӣ кардан** сардор будан ба гурӯҳи одамон ё ба коре.

**САРВАТ** *а.* ثروت 1. мол, давлат, доройӣ. 2. боигарӣ, ғановат; **сарвати кӯҳистон, сарвати миллӣ**; **аҳли сарват** соҳибони молу давлат, давлатмандон.

**САРВАТДОР** ثروتدار молдор, пулдор, давлатманд.

**САРВАТМАНД** ثروتمند *ниг.* **сарватдор**.

**САРВАТМАНДӢ** ثروتمندی молдорӣ, пулдорӣ, тавонгарӣ, давлатмандӣ.

**САРВАТХЕЗ** ثروتخیز 1. ҳосилхез: **замини ҳосилхез**. 2. аз сарватҳои зеризаминӣ бой.

**САРВБОЛО** سروبالا *киноя аз* ростқомат, баландқомат (*сифати маҳбуба*).

**САРВБУН** سروبن дарахти сарв.

**САРВИН** سروین *мансуб ба* **сарв**.

**САРВИСТОН** سروستان бешаи сарвдор.

**САРВҚАД** سروقد соҳиби қади баланду рост; ростқад.

**САРВҚОМАТ** سروقامت *ниг.* **сарвқад**.

**САРВО** سروا *кит.* ҳикоя, афсона.

**САРВОД** سرواد *кит.* шеър, суруд.

**САРВОДА** سرواده *кит.* шеър; қофияи шеър.

**САРВОДАХОН** سروده‌خوان *кит.* шеърхон, сурудхон.

**САРВОЛ** سرال эзор, лозимӣ, поҷома.

**САРВРАФТОР** سرو رفتار хушрафтор, хиромон.

**САРВХИРОМ** سروخرام *киноя аз* хушрафтор.

**САРГАЗИТ** سرگزیت *таъp.* ҷизя, андози сарикасӣ, ки дар мамлакатҳои исломӣ ва ғайримусулмон гирифта мешуд, боҷ.

**САРГАЛА** سرگله *кит.* пешрави гала.

**САРГАРАНГ** سرگرنگ он ки сараш гиҷ шудааст, гаранг.

**САРГАРАНГӢ** سرگرنگی ҳолат ва вазъи саргаранг.

**САРГАРДӢ** سرگردی ҳолате, ки дар вақти беморӣ сар чарх мезанад.

**САРГАРДОН** I سرگردان 1. саргашта, овора. 2. ҳайрон, сарсон, бесару сомон; **саргардон будан** овора будан; банд ва андармон будан; **саргардон кардан** *касеро* бесару сомон кардан, ба ташвиш монондан; **саргардон шудан** а) овора шудан, сарсон шудан; б) машғул шудан, банд шудан.

**САРГАРДОН** II سرگردان 1. дилгир, малул, нохушнуд. 2. маст.

**САРГАРДОНӢ** سرگردانی сарсонӣ, оворагӣ, саргаштагӣ, бесарусомонӣ.

**САРГАРМ** سرگرم бо хушу диққати тамом ба коре машғулшуда, сахт машғул (*ба коре*).

**САРГАРМӢ** سرگرمی ҳолати ба коре сахт машғул шудан.

**САРГАРМКУНАНДА** سرگرم کننده шавқовар, аҷоиб.

**САРГАРОН** سر گران 1. маст, махмур. 2. норозӣ, ошуфтахотир, хафа.

**САРГАРОНӢ** سر گرانی ҳолат ва вазъи **саргарон.**

**САРГАҲ** سرگه 1. қисми болоии ҷое (рӯде). 2. аввал, ибтидо, ҷои саршавӣ.

**САРГАШТА** سرگشته саргардон, овора, дарбадар; ошуфта, ҳайрон.

**САРГАШТАГӢ** سرگشتگی оворагӣ, сарсонӣ, саргардонӣ.

**САРГИН** سرگین пасафканди ҳайвоноти чорпо.

**САРГИНДОН** سرگین‌دان ҷои ғарами саргин.

**САРГИРАК** سرگیرک рӯймоли хурде, ки занҳо ба сарашон партофта мегарданд.

**САРГИРЕҲ** سرگره гиреҳе, ки бар сари тасбеҳ мекунанд; укдаи тасбеҳ.

**САРГИРИФТА** سرگرفته 1. мағрур, саркаш; якрав. 2. *маҷ.* бо ҷушу хурӯш, оташин.

**САРГИҶ** سرگج *ниг.* **саргаранг**.

**САРГОҲ** سرگاه *ниг.* **саргаҳ**.

**САРГУЗАШТ** سرگذشت 1. он чи бо касе рӯй додаст, воқеа ва ҳодисаи аз сар гузаронидани касе. 2. шарҳи ҳол, баёни аҳвол.

**САРГУЗАШТА** سرگذشته он ки об аз сари вай гузаштааст, касе ки дар об ғарқ шудааст.

**САРГУМ** سرگم 1. печдарпеч, сару нӯгаш нопайдо. 2. саргаранг, ҳайрон, ошуфта.

**САРГУМӢ** سرگمی ошуфтагӣ, бесарусомонӣ.

**САРГУМШУДА** سرگم شده он ки душвории зиёд дорад, ҳайрон, ошуфта.

**САРГУРД** سرگرد фармондеҳи дастае аз лашкар.

**САРГУРЕЗ** سرگریز гуреза, гурезашуда; **саргурез кардан** *касеро* ба гуреза шудан водор кардан; **саргурез шудан** *аз чизе* норозӣ шуда гурехта рафтан ба ҷое.

**САРГУРӮҲ** سرگروه сардори гурӯҳ ё ҳайати хурд.

**САРГӮШӢ** سرگوشی гӯшакӣ гуфтан, ба гӯши ҳамдигар оҳиста гап задан.

**САРҒАЛТОН** سرغلتان сарғалтон рафтан, сарнокӣ афтидан.

**САРД** سرد 1. хунук; *муқоб.* **гарм**; **оҳи сард**. 2. *маҷ.* бемеҳрона, номеҳрубонона; **оҳанги сард, ҷавоби сард; сард шудан** а) хунук шудан (*мас., об, ҳаво*), б) *маҷ.* суст шудан, вайрон шудан (*мас., робита, муносибат*).

**САРДАБИР** سردبیر *ниг.* **сармуҳаррир**.

**САРДАРАХТӢ** سردرختی 1. меваи начандон бисёри дарахт дар соли камҳосилӣ. 2. шох ё меваи нӯги дарахти мевадор.

**САРДАРГУМ** سردرگم бесару нӯг, дарҳаму барҳам; овора, саргардон.

**САРДАРГУМӢ** سردرگمی бесару нӯгшуда, оворагӣ, саргардонӣ.

**САРДАРД** سردرد дарди сар.

**САРДАРӢ** سردری ҷӯбест, ки аз болои болодарии дар ду тарафашро дар девор гузаронида мемонанд, то ки ба болодарӣ вазнинӣ наафтад.

**САРДАРҲАВО** سردرهوا беаҳамият, бедиққат; бепарво.

**САРДАСТА** سردسته сардори як даста аз мардум ё гурӯҳе аз сипоҳиён.

**САРДАСТӢ** سردستی чизе ва ё коре, ки даррав ва ба зудӣ тайёр ва иҷро мешавад; **ба сардастӣ** ба зудӣ, ба осонӣ.

**САРДАФТАР** سردفتر *адш.* поягузор, оғозкунанда, асосгузор (*дар адабиёт*).

**САРДГӮЙ** سردگوی баддаҳан, бадгап.

**САРДДАМ** سرددم хунсард, беэҳтироз, афсурдадил.

**САРДӢ** سردی 1. хунукӣ, сармо. 2. *маҷ.* каммеҳрӣ, беилтифотӣ; дуруштӣ, дағалӣ.

**САРДЛАБ** سردلب *маҷ.* баддаҳон, бадгап, хунукгап; шумнафас.

**САРДМЕҲР** سردمهر бемеҳр, беилтифот; дурушт.

**САРДМЕҲРӢ** سردمهری бемеҳрӣ, беилтифотӣ; дурuштӣ.

**САРДМУОМИЛА** سردمعامله дурушт, дағал, дуруштмуомила, дағалгап.

**САРДМУОМИЛАГӢ** سردمعاملگی дағалӣ кардан, муносибати дурушт, дуруштгапӣ.

**САРДОБ** سرداب 1. оби хунук. 2. *ниг.* **сардоба** 2.

**САРДОБА** سردابه 1. хонаи зеризаминӣ. 2. обанбори болопӯшида.

**САРДОВАР** سرداور довари асосӣ, ҳаками асосӣ.

**САРДОР** سردار 1. раис ва бузургтари дастае ё тоифае, роҳбар. 2. саркарда, фармондеҳи сипоҳ.

**САРДОРӢ** سرداری кор ва вазифаи сардор; роҳбарӣ, солорӣ; **бо сардории…** бо пешвоии…, дар таҳти роҳбарӣ ва солории…;

**сардорӣ кардан** ба гурӯҳе раёсат кардан, сардор шудан.

**САРДСЕР** سردسیر минтақаи хунук, иқлими хунук; мамлакатҳои дорои иқлими хунук.

**САРДСЕРӢ** سردسیری *мансуб ба* **сардсер**.

**САРДУХТУР** سردختور *ниг.* **сарпизишк**.

**САРДӮЗ** سردوز **:ресмони сардӯз** ресмони ғафсе, ки бо он сари тӯрбаҳоро медӯзанд ё мебанданд.

**САРДХОНА** سردخانه 1. ҷои сард барои нигоҳ доштани маводи фосидшаванда (*гӯшт, мева, сабзавот*). 2. *тиб.* ҷои нигаҳдории мурда.

**САРДХУН** سردخون *ниг.* **хунсард**.

**САРДШАВӢ** سردشوی хунукшавӣ (*мас., ҳаво.*).

**САРЕУЗЗАВОЛ** *а.* سریع‌الزوال тез заволёбанда, зуд нестшаванда, бебақо.

**САРЕУЛИНТИҚОЛ** *а.* سریع‌الانتقال тез нақлшаванда; нопойдор, ноустувор, бебақо.

**САРЕУЛКИТОБАТ** *а.* سریع‌الکتابت 1. тезнавис, дар гузашта шахсе буд, ки навиштаеро(пора ё китоби мукаммал) зуд ва беғалат рӯйнавис мекард. 2. зуд иншокунанда, зуднавис.

**САРЕУЛКИТОБАТӢ** سریع‌الکتابتی тезнависӣ.

**САРЕУССАЙР** *а.* سریع‌السیر тезҳаракат, тезрафтор.

**САРЕҲ** *а.* صریح возеҳ, равшан, ошкор, аниқ; **ҷавоби сареҳ**.

**САРЕҲӢ** صریحی равшан шудани чизи нофаҳмо, ошкор гардидан.

**САРЕЪ** *а.* سریع 1. босуръат, тез, тезрафтор. 2. адш. яке аз нуздаҳ баҳри арӯз (*муфтаилун, фоилун*).

**САРЗАДА** I سرزده 1. сар бурун оварда. 2. руста, сабзида.

**САРЗАДА** II سرزده 1. саркӯфта, сарнагуншуда, чаппагардон. 2. *маҷ.* девонаавзоъ.

**САРЗАДА** III سرزده 1. якбора, ба ногоҳ. 2. бе рухсат, густохона.

**САРЗАМИН** سرزمین ҷои иқомати қавме ё қабилае, кишвар, мамлакат.

**САРЗАНИШ** سرزنش 1. никӯҳиш, коҳиш, маломат, таъна; **сарзаниш кардан**. 2. *кит.* халидан, хастан.

**САРЗИЁД** سرزیاد зиёдати, барзиёд (*нисбат ба одам*): **нонхӯри сарзиёд**.

**САРЗИНДА** سرزنده хушнуд, шодмон, масрур.

**САРИВАҚТӢ** سروقتی дар вақташ, дар вақти заруриаш дер накарда: **маслиҳати саривақтӣ.**

**САРИГӮШӢ** سرگوشی сарпӯшаке, ки ба сари асп пӯшанд (*барои муҳофизат аз сармо*).

**САРИДАРВАҚТ** سردروقت дар сари вақт, вақт ва мӯҳлати чизе ё кореро нагузаронда.

**САРИДАСТӢ** سردستی 1. коре, ки дар зимни корҳои дигар карда мешавад; зимнӣ. 2. он чи дар таги даст тайёр бошад; таоме, ки масолеҳаш омода буда, ба осони тайёр шавад. 3. рӯидастӣ (*мас., кӯдаки ширхор*).

**САРИДЕВОРӢ** سردیواری *маҷ.* муваққат, нопойдор, зудгузар: **офтоби саридеворӣ**.

**САРИДОРА** سراداره идораи асосии ягон муассиса.

**САРИЗАМИНӢ** سرزمینی *таър.* пардохти маблағи барои замини иҷора муайянгардида.

**САРИКАСӢ**سرکسی аз ҳар як одам, сари ҳар одам.

**САРИҚТИСОДДОН** سراقتصاددان сардори иқтисоддонони як муассиса.

**САРИМСОҚ** سرمساق *лаҳҷ., ниг.* **сир** III.

**САРИН** سرین болин, болишт.

**САРИПОӢ** سرپائی нӯгипоӣ, чапсӣ; **кафши сарипоӣ** кафши нимдошти хонапӯшӣ.

**САРИР** I *а.* سریر *кит.* 1. ҷойгоҳ, бистар, ҷои хоб. 2. тахт, маснад.

**САРИР** II سریر *кит.* 1. овози ғиҷирроси найқалам вақти навиштан.

**САРИРОҲӢ** سرراهی 1. он чи дар сари роҳ воқеъ аст: **дарахти сарироҳӣ, сутуни сарироҳӣ**. 2. дар аснои роҳ воқеъшуда, роҳравон ба миён омада.

**САРИСИНАГӢ** سرسینگی он чи дар сина воқеъ аст, он чи ба сари сина насб кунанд; **кисаи сарисинагӣ** (*дар либос*); **нишони сарисинагӣ**.

**САРИЧА** سریچه *зоол.* мурғест хурдҷусса, ки би-

сёртар бар лаби обҳо нишаста думҷунбонӣ мекунад, саъва, фотимачумчуқ.

**САРИШТА** سرشته *гуфт.* 1. тартиб, сомон; ӯҳдабароӣ. 2. сарфакорӣ; **саришта кардан** а) ба сомон овардан, идора кардан, аз ӯҳда баромадан; б) эҳтиёт карда мондан, нигоҳ доштан; сарфакорӣ кардан.

**САРИШТАКОР** سررشته‌کار сарфакор.

**САРИШТАКОРӢ** سررشته‌کاری сарфакорӣ, эҳтиёт карда мондан чизеро.

**САРИШТАКОРОНА** سررشته‌کارانه сарфакорона, боэҳтиёт.

**САРӢ** I سری *ниг.* сардорӣ, пешвоӣ.

**САРӢ** II سری он чи ба болои тӯдаи чизе барои намуна гузошта шавад.

**САРКАЛОН** سرکلان бузургсар, каллакалон он ки дар гузаронидани тӯйу маърака ё ягон чорабиние сардорӣ мекунад.

**САРКАРДА** سرکرده 1. *кит.* сардор, фармондеҳ; сардори лашкар. 2. роҳбари даста ё гурӯҳи ғайриқонунӣ.

**САРКАРДАГӢ** سرکردگی сардорӣ; фармондеҳӣ, роҳбарӣ.

**САРКАФТА** سرکفته **:саркафта шудан** *кит.* во шудан, кушода шудан; шукуфтан (-и гул).

**САРКАЧ** سرکج он чи нӯгаш кач шуда бошад: оҳани саркач.

**САРКАШ** سرکش 1. сар ба боло фарозанда, сарафрохта: **кӯҳи саркаш**. 2. сар аз итоат печанда, нофармонбардор, итоатнокунанда; гарданкаш; якрав: **аспи саркаш, рӯди саркаш, табиати саркаш**. 3. ёғӣ. 4. чӯбе, ки аз сари тавора зада ба ҷое бо мех парчин кунанд, то ки тавора ба як сӯ хам нахӯрад (дар бинокорӣ).

**САРКАШӢ** سرکشی нофармонбардорӣ, беитоатӣ; **саркашӣ кардан** сар аз итоат печидан; якраҳагӣ кардан.

**САРКАШОНА** سرکشانه аз рӯи саркашӣ, саркашикунон, аз рӯи нофармонбардорӣ: **ҷавоби саркашона**.

**САРКОНСУЛ** سرکانسول консули генералӣ (*дар вазорати хориҷа*).

**САРКОР** سرکار оғозгари коре, сардори коре; нозир, корфармо.

**САРКОТИБ** سرکاتب сардори котибон, котиби аввал: **саркотиби илмӣ.**

**САРКУШОДА** سرکشاده он чи сараш пӯшида нест, болояш нопӯшида; **мактуби саркушода** номаи боз, бознома.

**САРКӮБ** سرکوب 1. шикаст, мағлуб; **саркӯб кардан** шикаст додан, мағлуб сохтан. 2. *таър.* ҷои баланди истеҳкомёфтае, ки аз он ҷо душманро тирборон ё сангборон мекардаанд. 3. *маҷ.* сарзаниш, маломат, таъна. 4. таёқи махсусе, ки бо он пояи ҷуворӣ ё шолиро зада донаҳояшро ҷудо мекунанд.

**САРКӮБӢ** سرکوبی 1. кӯфтани ғалладона. 2. паи ҳам ба сар задан. 3. таъна, маломат, сарзаниш; танбеҳ.

**САРКӮФТА** سرکوفته **:**сараш кӯфташуда; зарбахӯрда: **мори саркӯфта**.

**САРКӮЧАК** سر کوچو 1. он ки ё он чи сараш хурд бошад. 2. *маҷ.* камбағал, нодор.

**САРКӮЧАКӢ** سرکوچکی камбағалӣ, нодорӣ.

**САРҚАБИЛА** سرقبیله сардори қабила, пешвои қавм.

**САРҚАНД** سرقند каллақанди махрутишакл; **қуллаи ба сарқанд монанд** қуллаи махрутишакл.

**САРҚАТА** سرقة *ниг.* **сирқат**.

**САРҚОНУН** سرقانون қонуни асосии давлат, конститутсия.

**САРҚОФИЛА** سرقافله сардор, пешрави корвон.

**САРҚУТ** سرقوت пасмондаи хӯрок; **оши сарқут** оши аз пеши хӯрандагон бозгашта, оши таги табақ.

**САРЛАВҲА** سرلوحه унвон (*китоб, мақола*).

**САРЛАВҲАДОР** سرلوحه دار китоб ё мақолае, ки унвон доранд.

**САРЛАШКАР** سرلشکر фармондеҳи лашкар; фармондеҳи артиш.

**САРЛУЧ** سرلوچ сарбараҳна, бе пӯшиши сар (*бе руймол…*).

**САРМАД** سرمد *кит.* ҳамеша, пайваста, доим.

**САРМАДӢ** سرمدی абадӣ, ҳамешагӣ, ҷовидон.

**САРМАҚОЛА** سرمقاله мақолаи аввали рӯзнома

ва ё маҷалла, ки асосан аз ҷониби идора навишта мешавад.

**САРМАНБАЪ** سرمنبع 1. сарчашма. 2. омили асосӣ, сабаби аввалин.

**САРМАНЗИЛ** سرمنزل манзили асосӣ, макон, ҷой.

**САРМАНШАЪ** سرمنشأ 1. баромадгоҳ, ҷои оғоз, мабдаъ. 2. боис ва оғозгар.

**САРМАСТ** سرمست 1. маст, сархуш. 2. *маҷ.* мағрур, болида.

**САРМАСТӢ** سرمستی сархушӣ, мастӣ.

**САРМАШҚ** سرمشق 1. намунае, ки муаллим ба шогирд навишта медиҳад, то аз рӯи он хатнависӣ омӯзад. 2. *маҷ.* намунаи ибрат, намунае, ки ба он пайравӣ карда мешавад: **сармашқи кори худ кардан**.

**САРМЕХАНИК** سرمیخنیک сардори механикҳо.

**САРМЕЪМОР** سرمعمار сардори меъморон, вазифае дар ҳукумати шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ки ба танзим ва назорати сохтмон машғул аст.

**САРМО** سرما хунукии ҳаво, ҳавои хунук; *муқоб.* **гармо**; **сармо задан** а) якбора сар шудани хунукии ҳаво; б) аз таъсири шиддати хунукӣ пажмурдаву нобуд шудан (*дарахт, меваи дарахт, сабзавот ва г.*); в) шамол хӯрдан бо таъсири ҳаво, гарму хунук шудани бадан; **сармо хӯрдан** *ниг.* **сармо задан** в).

**САРМОБАРДОР** سرمابردار ба сармо тоб оваранда (*мас., наботот*): **навъҳои сармобардори зардолу**.

**САРМОБАРДОРӢ** سرمابرداری қобилияти ба сармо тоб овардан (-и *мас.,* наботот).

**САРМОЗАДА** سرمازده *сифати феълии замони гузашта аз* **сармо задан**. 1. мева ё дарахти аз хунукӣ офатрасида; 2. узви аз хунукӣ офатдида (*даст, по ва г.*).

**САРМОЗАДАГӢ** سرمازدگی *шакли дигари сифати феълии замони гузаштаи* **сармозада**; сармозада будан.

**САРМОНАК** سرمانک *сифати феълии замони гузашта аз* **сармо хӯрдан**; ҷои сар мондан, такягоҳи курсӣ.

**САРМОХӮРДА** سرماخورده он ки хунук ба ӯ таъсир кардааст.

**САРМОХӮРДАГӢ** سرماخوردگی *ниг.* **сармохӯрда**.

**САРМОЯ** سرمایه 1. мол ва пули аслии ягон савдогар ё тиҷоратхона. 2. сарват, пул, дороӣ. 3. капитал, *киноятан* олами сармоядорӣ; **олами сармоя** ҷаҳони сармоядорӣ. 4. бонкӣ. моликияте, ки даромад меорад; маблағи асосии қарз бидуни баҳра.

**САРМОЯГУЗОР** سرمایه‌گذار *мол.* шахси ҳуқуқӣ ва ё ҳақиқӣ, ки бо мақсади гирифтани даромад ин ё он лоиҳаро маблағгузорӣ мекунад, маблағгузор.

**САРМОЯГУЗОРӢ** سرمایه‌گذاری *мол.* гузоштани маблағ бо мақсади дарёфти даромади изофа, маблағгузорӣ.

**САРМОЯДОР** سرمایه‌دار 1. пулдор, молдор, бой, сарватманд. 2. капиталист.

**САРМОЯДОРӢ** سرمایه‌داری 1. пулдорӣ, молдорӣ, дороӣ. 2. олами сармоядорӣ, капитализм.

**САРМУНШӢ** سرمنشی *кит.* сардори муншиён – котибон.

**САРМУТАХАССИС** سرمتخصّص мутахассиси асосӣ.

**САРМУҲАНДИС** سرمهندس муҳандиси олимақом; сардори муҳандисон.

**САРМУҲАРРИР** سرمحرر муҳаррири калон; сардори муҳаррирони ягон рӯзнома, маҷалла ё донишнома.

**САРМУҲОСИБ** سرمحاسب сардори ҳисобдорон дар ҳисобдорӣ, сарҳисобдор.

**САРМУШОВИР** سرمشاور мушовири олимақом; сарвари мушовирон.

**САРНАВИШТ** سرنوشت 1. он чи Худованд аз рӯзи азал барои ҳар як инсон таъйин карда аст. 2. тақдир, қисмат, насиб.

**САРНАВИШТСОЗ** سرنوشت‌ساز таъйинкунандаи сарнавишт; *маҷ.* ниҳоят муҳим, тақдирсоз.

**САРНАГУН** سرنگون сар ба поён, сарозер; вожгун; **сарнагун гаштан** (**шудан**) а) сарозер афтодан, каллапо афтидан; б) *маҷ.* барбод рафтан, нобуд шудан; аз мансабе, фаровардан; **сарнагун кардан** а) афтодан, барбод додан; б) фуровардан (*мас., амиреро аз тахти подшоҳӣ*).

**САРНАГУНӢ//САРНИГУНӢ** سرنگونی чаппа будан, вожгунӣ, ворунагӣ.

**САРНАГУНСОЗӢ** سرنگون‌سازی сарнагун кардан, нобуд намудан.

**САРНАГУНСОР//САРНИГУНСОР** سرنگونسار чаппа, вожгун.

**САРНАГУНШАВӢ** سرنگون‌شوی *ниг.* **сарнагунӣ**.

**САРНАЙЗА** سرنیزه оҳани нӯгтезе, ки ба сари найза шинонда мешавад, теғаи туфанг.

**САРНАҚШ** سرنقش *мус.* нақшхон, саркунандаи суруд – нақш.

**САРНАСЛ** سرنسل 1. бунёдгузори насл. 2. фарзанди аввалини оила.

**САРНАХ** سرنخ 1. сари нах, нӯги нах. 2. абрешиме, ки аз қабати болои пила гирифта мешавад (*нисбатан дағалтар вале маҳкамтар аст*).

**САРНИҲОН** سرنهان аз мардум пинҳонӣ, паноҳпаноҳ зиндагӣ кардан.

**САРНИШЕБ** سرنشیب *ниг.* **сарошеб**.

**САРНИШИН** سرنشین 1. болонишин, пешгоҳнишин. 2. он ки савори киштӣ, қатора, мошин ё ҳавопаймо аст: **сарнишини киштӣ**.

**САРНОКӢ** سرناکی *гуфт.* сар ба поён, бо сар; **сарнокӣ афтидан** каллапой афтидан.

**САРНОМА** سرنامه аввали нома; унвони нома.

**САРСОНӢ** سرسانی гарангшуда, гиҷ (*одам*).

**саро** سرا 1. *асоси замони ҳозира аз* **сароидан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* сароянда: **ғазалсаро, навҳасаро…**

**САРО** سرا *ниг.* **сарой**.

**САРОБ I** سراب сари об, болоҷои дарё, ҷӯй, манбаъ.

**САРОБ II** سراب 1. *тиб.* ҳодисаи оптикӣ, ки бо таъсири шуои офтоб дар биёбон шӯразори дур ба назари кас чун об менамояд, фиреби назар. 2. *маҷ.* хаёли хом, чизи нобуда, ки кас беҳуда ба он умед мебандад.

**САРОБИСТАР** سرا بستر ҷои хоб, ҷогаҳ, бистари хоб.

**САРОБӢ** سرابی ба назар намудан, рӯъё.

**САРОБОН** سرابان парастор, нигоҳубинкунанда; сариштакунанда (*кореро*); сардори хонавода.

**САРОБОНӢ** سرابانی парасторӣ, нигаҳбонӣ; **саробонӣ кардан** нигаҳбонӣ кардан, парастор шудан ба касе.

**САРОБӮСТОН** سرابوستان *ниг.* **бӯстонсаро(й)**.

**САРОВОЗ** سرآواز 1. он ки аз ҳама пештар садо мекунад. 2. сурудхон, ки сари овозро мегирад, яккахон.

**САРОВОН** سراوان *ниг.* **саробон**.

**САРОҒОЗ** سرآغاز 1. аввалу ибтидо, шурӯъи чизе: **сароғози зиндагӣ**. 2. муқаддима: **сароғози асар**.

**САРОҒӮШ** سر آغوش сарбанде, ки занон гесӯро дар миёни он мегузоранд, баъзе бо тилло ва ҷавоҳир мурассаъ низ мешавад, гесупӯш.

**САРОДИҚ//СУРОДИҚ** *а.* سرادق саропарда, хайма, чодар.

**САРОДОР** سرادار хӯҷаин, нигаҳбони корвонсаро.

**САРОДОРӢ** سراداری *кит.* қасрдорӣ, боргоҳдорӣ.

**САРОЗЕР** سرازیر сар ба поён, сар ба нишеб, сарнагун; нагунсор; **сарозер овехтан** сар ба поён овехтан (*касе, чизеро*); **сарозер шудан** сар ба нишеб рафтан.

**САРОИДАН** سرائیدن 1. *ниг.* **сурудан**. 2. васф кардан.

**САРОЙ** سرای 1. хона, манзил. 2. қаср, дарбор, ҷои нишасти шоҳон. 3. корвонсарой. 4. тиҷоратгоҳ; сарои пила, сарои сандуқ. 5. ҷои бастани аспу хар.

**САРОЙБОН** سرای‌بان нигаҳбон, посбони корвонсарой.

**САРОЙБОНӢ** سرای‌بانی кор ва вазифаи саройбон.

**САРОЙНИШИН** سرای‌نشین он ки дар корвонсарой иқомат дорад; савдогари саройнишин.

**САРОЙПАРДА** سرای‌پرده 1. хаймаи бузурги шоҳона,чодири подшоҳӣ, шомёна. 2. *киноя аз* нишемангоҳ.

**САРОМАД** سرآمد 1. болотар аз дигарон, мумтоз, баргузида, бартарин; сардафтар; **саромади адабиёти тоҷик**. 2. сардор, пешво.

**САРОМАТ** صرامت *кит.* далерӣ, шуҷоат, диловарӣ, ҷасорат: **шаҳомату саромат** ҷасорату шуҷоат.

**САРОМОС** سراماس *тиб.* яке аз бемориҳои сироятии пӯсти бадан.

**САРОН** سران сардорон, пешвоён: **сарони давлатҳо**.

**САРОНА** سرانه 1. аз сари ҳар кас, ба ҳар сари кас. 2. *таър.* андоз ва хироҷе, ки аз ҳар сар (кас) гирифта мешудааст.

**САРОНРӮ**سرانرو **:раги сaронрӯ** *гуфт.* раги хун, шараён.

**САРОПАРДА** سراپرده *таър.* хаймаи бузургон, боргоҳ, чодири шоҳон.

**САРОПО(Й)** (سراپا(ی1. аз сар то по, сар то қадам. 2. ҳама, ҳамагӣ; тамоман; **саропо гӯш шудан** бо диққат ва ҳуши тамом ба гапе гӯш додан.

**САРОСАР** سراسر аз як сар то сари дигар, сартосар; ҳамагӣ, саропо.

**САРОСАРӢ** سراسری сартосарӣ, комил; **сулҳи саросарӣ** сулҳи ҳамагонӣ.

**САРОСЕМА** سراسیمه ҳаросон, ошуфтаҳол, парешонхотирона; бо шитобу ҳарос; **саросема кардан** (*касеро*) а) ба изтироб андохтан; б) шитоб кунондан; **саросема шудан** ба изтироб афтодан, ошуфтаҳол гардидан; ба ҳарос (талвоса) афтодан.

**САРОСЕМАВОР** سراسیمه‌وار дар ҳолати саросемагӣ, ҳаросон шуда, бесаришта шуда, ҳаросону шитобон.

**САРОСЕМАГӢ** سراسیمگی 1. ошуфтагӣ, ҳаросонӣ, ҳолати изтироб. 2. шитобкорӣ, таъҷил.

**САРОСТИН** سراستین нӯги остин, сари остин.

**САРОФАТ** صرافت майлу андеша, рағбат.

**САРОҲАНГ** سرآهنگ пешво, роҳбар; сарҳанг, фармондеҳ; пешрави лашкар.

**САРОҲАТ** *а.* صراحت *кит.* ошкорӣ, равшанӣ, возеҳӣ (*дар гуфтор ва навишт*).

**САРОҲАТАН** *а.* صراحتاً ба таври ошкор, возеҳу равшан баён кардан.

**САРОЧА**سراچه *кит.* хонаи хурд; кӯшк; ҳавлии дарун.

**САРОҶА** سراجه занбар, занбари чӯбин; **сароҷа бастан** занбар сохтан.

**САРОШЕБ** سراشیب нишебдор, сар ба зер; роҳе, ки аз баландӣ ба пастӣ мебарад.

**САРОШПАЗ** سرآشپز сардори ошпазҳо.

**САРОЯНДА** سراینده 1. сурудхон, овозхон, ҳофиз. 2. *маҷ.* вассоф; шоир.

**САРОЯНДАГӢ** سرایندگی сурудхонӣ, ҳофизӣ.

**САРПАНОҲ** سرپناه 1. паноҳгоҳ. 2. *маҷ.* ҷои болопӯшида, хона, ҷой. 3. *маҷ.* ҳимоятгар, пушту паноҳ.

**САРПАНҶА** سرپنجه 1. панҷаи даст; даст. 2. *маҷ.* зӯр, қувват.

**САРПАРАСТ** سرپرست 1. парастор, нигаҳбон; бузурги оила. 2. *мол.* шахси мӯътамад, ки моликияти шахси эътимодбастаро ба манфиати ӯ ихтиёрдорӣ мекунад.

**САРПАРАСТӢ** سرپرستی нигаҳбонӣ, парвариш, тарбия.

**САРПАРАСТОР** سرپرستار сардори касоне, ки дар беморхонаҳо ба беморон нигоҳубин – парасторӣ мекунанд, сардори парасторон.

**САРПАРАСТОРӢ** سرپرستاری нигоҳубин кардани беморон.

**САРПАРТО(ЯК)** (سرپرتا(یک *лаҳҷ., ниг.* **саргирак**.

**САРПАСТ** سرپست 1. сархам. 2. *маҷ.* забонкӯтоҳ; ҳақир; **сарпаст кардан** *касеро* шарманда кардан, забонкӯтоҳ намудан.

**САРПАСТӢ** سرپستی *маҷ.* сархамӣ, шармандагӣ; забонкӯтоҳӣ; ҳақирӣ.

**САРПАСТОНА** سرپستانه дар ҳолати шарманндагӣ, ҳақирона.

**САРПЕЧ** سرپیچ 1. он чи ба сар мебанданд (*дастор, рӯмол ва г.*). 2. маҳкам, мӯҳрзада. 3. *маҷ.* муғлак, мубҳам, печдарпеч: **муаммои сарпеч, сухани сарпеч**. 4. *маҷ.* гарданшах, саркаш, якраҳа.

**САРПЕЧАК** سرپیچک *зоол.* парандаи хурде аз ҷинси эзорсурхакҳо.

**САРПЕЧИДА** سرپیچیده саргум, бесару нӯг, дарҳам барҳам; гаранг: **риштаи сарпечида**.

**САРПЕЧӢ** سرپیچی нофармонӣ, сар тофтан; **сарпечӣ кардан** нофармон кардан, сар тофтан.

**САРПИЗИШК** سرپزشک сардори як гурӯҳ пизишкон, пизишки калони бемористон.

**САРПИЁЗ** سرپیاز бехпиёз.

**САРПОЁН** I سرپایان сар ба поён афканда, сархам.

**САРПОЁН** II سرپایان *кит.* 1. *ниг.* **сала**. 2. каллапӯши мулоим, ки аз зери тоскулоҳ мепӯшанд.

**САРПОС** سرپاس *кит.* лахт, гурз, кӯпол.

**САРПОСБОН** سرپاسبان сардори посбонҳо.

**САРПӮШ(АК)** سرپوش//سرپوشک он чи бо он боло ё сари чизе пӯшонда мешавад; болопӯш: **сарпӯши дег**, **сарпӯши чойник**.

**САРПӮШДОР** سرپوشدار бо сарпӯш маҳкам, дорои сарпӯш.

**САРПӮШИДА** سرپوشیده 1. сарбаста. 2. *маҷ.* пӯшида, нуҳуфта, пинҳон.

**САРРАДА** سررده қатори якум дар сафорои ҳарбӣ.

**САРРИШТА** سررشته 1. сари ришта, сари калова, нӯги ресмон. 2. *маҷ.* роҳи ҳалли ягон масъала; **сарриштаи кори худро гум кардан** бесаранҷом шудан, чи кор кардани худро надониста мондан.

**САРРО** *а.* سرّا шодмонӣ, шодкомӣ; некӯаҳволӣ; **саррову зарро** хушҳолӣ ва бадҳолӣ, хушбахтӣ ва бадбахтӣ.

**САРРОФ** *а.* صرّاف *кҳн.* 1. он ки пулеро бо пуле иваз мекунад. 2. касе, ки пули сараро аз носара (қалб) фарқ карда метавонад.

**САРРОФӢ** صرّافی 1. шуғли сарроф. 2. ҷой, макони як ё якчанд сарроф.

**САРРОФХОНА** صرّافخانه *кҳн.* хонаи пуливаз кунӣ, ҷои табдили арз, ҷои ивази асъор.

**САРРОҶ** *а.* سرّاج *кит.* он ки асбобу анҷоми ба асп даркориро (*аз қабили* зин, лаҷом, нӯхта *ва г.*) тайёр мекунад ва мефӯрӯшад; зингар.

**САРРОҶӢ** سراجی 1. зингарӣ. 2. ҷои зинфурӯшӣ: **дӯкони сарроҷӣ**, **растаи сарроҷӣ**.

**САРСАБАД** سرسبد сарпӯши сабад, қисми болоии сабад, ки аз сабад ҷудо мешавад.

**САРСАБЗ** سرسبز 1. тару тоза, сабзу хуррам, боторothват. 2. *кит., маҷ.* одами солиму шод, хушбахт ва осудаҳол. 3. ҳамешабаҳор, зебоманзар, дар ҳоли рушду нумӯъ: **кишвари сарсабз**; **ҷавони сарсабз** ҷавони хушбахт ва хушҳол.

**САРСАБЗӢ** سرسبزی 1. тарию тозагӣ, сабзию хуррамӣ, тароватнокӣ. 2. *маҷ.* пешрафт, тараққӣ, авҷу камолот.

**САРСАР** *а.* صرصر боди тези хунук, шамоли сахти пурсадо.

**САРСАРИГАРД** سرسری‌گرد ҳарҷогард, оворагард, дарбадар, саргашта, саргардон, бекорхӯҷа.

**САРСАРИГАРДӢ** سرسری‌گردی оворагӣ, оворагардӣ, дарбадарӣ.

**САРСАРИЁНА** سرسریانه 1. бо сустӣ, руякӣ, бо саҳлангорӣ. 2. дарбадарона, чун саргаштагон, бе мақсади муайян.

**САРСАРӢ** I سرسری овора, саргардон, бекоргард, дайду; **сарсарӣ гаштан** дарбадар гаштан, бекору бе мақсади муайян гаштан.

**САРСАРӢ** II سرسری рӯякӣ, бо саҳлангорӣ; бедиққат (*мас., хондан чизеро*).

**САРСАРӢ** III صرصری :**боди сарсарӣ** *ниг.* **сарсар**.

**САРСАТР** سرسطر 1. сари хат, ҷои холӣ пеш аз сар шудани матн. 2. қисми матн, ки дорои маънои ягона аст.

**САРСАФЕД** سرسفید он ки ва он чи сари сафед дорад, мӯйсафед, дорои мӯи сафед.

**САРСАФҲА** سرصفحه варақаи унвонӣ, саҳифае, ки номи асар муаллифи он, муҳаррир.

**САРСАХТ** سرسخت шумтолеъ, бадбахт, он ки дар азобу уқубат умр ба сар мебарад.

**САРСИЛОҲ** سرسلاح *ниг.* **сарлашкар**.

**САРСИНА** سرسینه болои сина, рӯи сина.

**САРСОМ** سرسام *тиб.* бемории илтиҳоби мағзпарда, менингит.

**САРСОМӢ** سرسامی гирифтори бемории сарсом.

**САРСОН** سرسان 1. саргардон, дарбадар, саргашта, овора. 2. ҳайрон; **сарсон шудан** овора шудан, саргардон шудан.

**САРСОНӢ** سرسانی оворагӣ, саргардонӣ.

**САРСУЛОЛА** سرسلاله бунёдгузори сулола, сарвари хонадон.

**САРСУПУРДА** سرسپرده вафодор, содиқ.

**САРСУТУН** سرستون сутуни калон ва асосӣ.

**САРСУТУРДА** سرسترده *кит.* сартарошида, он ки сараш тарошида аст.

**САРСУХАН** سرسخن пешгуфтор, муқаддима (*дар гуфтор ва таълиф*).

**САРСӮЗАН** سرسوزن сӯзантугма.

**САРТАГ** سرتگ *лаҳҷ.* сар ба поён, сархам, малул.

**САРТАРОШ** سرتراش устои мӯйсаргир, он ки мӯи сар ва риш метарошад.

**САРТАРОШӢ** سرتراشی 1. тарошидани мӯи сар. 2. кор ва шуғли сартарош; **сартарошӣ кардан** машғул будан ба шуғли сартарошӣ.

**САРТАРОШОН** سرتراشان 1. маросими тарошидани сари кӯдак ҳангоми хатнасур. 2. маросими тарошидани сари домод дар базми арӯсӣ (*ҳоло дар аксар манотиқи ҷумҳурӣ аз байн рафтааст*).

**САРТАРОШХОНА** سرتراشخانه устохонаи (ҷои кори) сартарош, сартарошӣ.

**САРТЕЗ** سرتیز он чи нӯги тези буранда ва халанда дорад, нӯгтез.

**САРТОБ** سرتاب гардантоб, саркаш, нофармон.

**САРТОПО** سرتاپا *ниг.* **саропо(й)**.

**САРТОРИК** سرتاریک *маҷ.* зани ҳомиладор.

**САРТОС** سرطاس бемӯй, каммӯй.

**САРТОСАР**سرتاسر *ниг.* **саросар**.

**САРТОСАРӢ**سرتاسری *ниг.* **саросарӣ**.

**САРТӮЙӢ** سرتوئي чизҳое, ки пеш аз тӯй ба тариқи тӯёна дода мешаванд; **сартӯйӣ додан** пеш аз тӯй фиристодани чизу чора ба хонаи арӯс.

**САРУЛИБОС** سرولباس маҷмӯи пӯшиданӣ**.**

**САРУН** سرون шохи ҳайвонот.

**САРУПО** سروپا либос; хилъат; сарулибос, як даст либос; хилъате, ки аз тарафи амир бахшиш мешуд; **сарупо кардан** анъанаи либос пӯшондан ба меҳмонба ягон муносибате (*мас., дар маросимҳои тӯёна*).

**САРУПОПӮШОНӢ** سروپاپوشانی 1. *таър.* маросими пӯшондани либосҳои тақдимкардаи амир. 2. дар рӯзи тӯй пӯшондани либосҳои домод ё арӯсро.

**САРУТАН** سروتن *ниг.* **сарулибос**.

**САРФ** I *а.* صرف *зби.* морфология.

**САРФ** II *а.* صرف харҷ. хароҷот; **сарф кардан** харҷ кардан, истифода бурдан; **сарф шудан** харҷ шудан; **сарфи назар** *аз чизе* аз чизе чашм пӯшида…, чизеро ба эътибор нагирифта…; **сарфи назар (кардан)** *аз чизе* чашм пӯшидан аз чизе; ба эътибор нагирифтан, аз баҳри чизе гузаштан.

**САРФА** *а.* صرفه 1. фоида, манфиат, суд. 2. зиёдтар аз андози даркорӣ харҷ ва сарф нашудани чизе, худдорӣ дар сарфи чизе, эҳтиёткорӣ ҳангоми харҷ; **сарфаи сари оташдон, савдогари Ҳиндустон** (*зарб.*); **сарфа кардан** (*дар харҷи чизе*) зиёдахарҷӣ накардан; миқдоре аз чизеро сарф накарда нигоҳ доштан.

**САРФАБАР** صرفه‌بر *кит.* 1. фоидабар, судбар. 2. сарроҳ.

**САРФАГАР** صرفه‌گر он ки аз харҷи зиёд худдорӣ мекунад, он ки исрофкор нест; сарфаҷӯй.

**САРФАГАРӢ** صرفه‌گری *ниг.* **сарфаҷӯӣ**.

**САРФАКОР** صرفه‌کار сарфакунанда дар харҷи чизе; *муқоб.* **исрофкор** ва **бадхарҷ**.

**САРФАКОРӢ** صرفه‌کاری эҳтиёткорӣ дар харҷ; *муқоб.* **исрофкорӣ**.

**САРФАКОРОНА** صرفه‌کارانه аз рӯи сарфа; худдорӣ аз харҷи барзиёд.

**САРФАНОК** صرفناک зиёд сарфнашаванда; мусоид аз ҷиҳати камхарҷӣ.

**САРФАРМОНДЕҲ** سرفرمانده фармондеҳи кулли қувваҳои ҳарбӣ.

**САРФАРОЗ** سرفراز 1. сарболо, сарбаланд, боифтихор. 2. он ки ба гирифтани мукофоти давлатӣ сазовор гардидааст; **сарфароз кардан** *касеро* бо инъом ё унвон сарбаланду ифтихорманд гардонидани касе; боиси сарбаландии касе шудан, боиси мамнунии касе гардидан; **сарфароз шудан** ифтихорманд гардидан.

**САРФАРОЗӢ** سرفرازی сарбаландӣ; ифтихормандӣ, ифтихор.

**САРФАҲМ** سرفهم **:сарфаҳм (на)рафтан** *ба чизе*

(на)фаҳмидан (чизеро).

**САРФАҶӮ** صرفه‌جو *ниг.* **сарфакор**.

**САРФАҶӮЁНА** صرفه‌جویانه *ниг.* **сарфакорона**.

**САРФАҶӮӢ** صرفه‌جوئی зиёдтар аз ҳадди даркорӣ сарф накардани чизе, чизеро харҷ накарда эҳтиёт карда мондан.

**САРФИКАНДА** سرفکنده *ниг.* **сарафканда**.

**САРФИШОН** سرفشان сарафшон, сар фидо кардан, сар бохтан.

**САРФӢ** صرفی *збш.* морфологӣ.

**САРФКУНАНДА** صرف‌کننده он ки чизеро харҷ мекунад.

**САРФШАВАНДА** صرف‌شونده он чи харҷ мешавад.

**САРХАЙЛ** سرخیل *кӯҳ.* сардори даста, сарвари тоифа, авлод.

**САРХАЙЛӢ** سرخیلی сардорӣ, сарварӣ, роҳбарӣ.

**САРХАЛОНӢ** سرخلانی 1. гузашта истода ба ҷое сари қадам даромадан, аз касе дидан кардан. 2. *маҷ.* сар панаҳ кардан; **ҷои сархалонӣ** ҷои сар панаҳ кардан.

**САРХАМ** سرخم 1. он чи нӯгаш хамидагӣ дошта бошад. 2. сарро хам карда, бо сари хам, бо сари хамида. 3. *маҷ.* мутеъ, фармонбардор.

**САРХАМӢ** سرخمی 1. сархам будан. 2. *маҷ.* фармонбардорӣ, итоаткорӣ.

**САРХАМОНА** سرخمانه 1. боҳурматона, эҳтиромона. 2. *маҷ.* итоаткорона, мутеона.

**САРХАТ** I سرخط 1. намунаи хате, ки устод дар аввали варақ навишта ба шогирд медиҳад, ки аз рӯи он хат машқ кунад, сармашқ. 2. *маҷ.* ҳар чизе, ки барои кардани коре намуна мешавад. 3. хати асосӣ, роҳи асосӣ.

**САРХАТ** II سرخط фикри нав дар матн, ки аз сари сатр то 1см. ҷой монда нависанд, абзатс.

**САРХЕЛ** I سرخیل *ниг.* **сархайл**.

**САРХЕЛ** II سرخیل навъи беҳтарини мева.

**САРХИРМАНӢ** سرخرمنی 1. барои оғози хирманкӯбӣ дар сари хирман додани зиёфат. 2. тӯҳфа дар шакли гандуми нав хирманкӯбшуда.

**САРХОН** سرخوان яккахон, саровоз.

**САРХОНА** سرخانه зарфе, ки ба он тамоку андохта ба сари чилим мегузоранд ва оташ медиҳанд.

**САРХОР** سرخار бутаҳои хор, ки бар сари деворҳо маҳкам карда мемонанд (*барои дер поидани девор*).

**САРХОРА** سرخواره сӯзани тилло барои зинати мӯи занон ё барои банд кардани миқнаа бо рӯймол.

**САРХОРӢ** I سرخاری 1. хоридани сар. 2. *маҷ.* даранг дар иҷрои коре, баҳонаҷӯӣ барои сар тофтан аз коре; **ба сархорӣ вақт надоштан** хеле серкор будан, вақти холӣ аз кор надоштан.

**САРХОРӢ** II سرخاری *гуфт.* коре (касе, янтоқе, пахоле *ва г.*), ки барои эмин доштан аз борон сари девор мегузоранд.

**САРХУШ** سرخوش сармаст, андак маст; кайфдор (*одам аз май*).

**САРХУШӢ** سرخوشی сармастӣ, ҳолати ним мастӣ.

**САРХУШК** سرخشک дарахте, ки шохаҳои болояш хушкида бошад.

**САРХӮР** سرخور 1. ба касе гӯянд, ки наздиконаш мурда худ зинда монда бошад. 2. *маҷ.* бе пайи қадам, номубораккадам; **сағираи сархӯр**; **сархӯрат шавад**! саратро хӯрад (*пулат, чизат*).

**САРҲ** *а.* صرح *кит.* қаср, бинои боҳашамат.

**САРҲАВЗ** سرحوض 1. ҳавзи калон дар чорбоғҳо. 2. нишастангоҳ дар атрофи ҳавз дар чорбоғҳо.

**САРҲАВЗДОР** سرحوض‌دار чорбоғе, ки сарҳавз ва нишастангоҳи сариҳавзӣ дорад.

**САРҲАД** *а.* سرحد хат ва нишонае, ки мулке ё заминеро аз ҳам ҷудо мекунад; хати шартӣ дар байни ду мамлакат; марз, карона, ҳудуд; **сарҳадро бастан** ба рафтуой аз мамлакате ба кишвари дигар роҳ надодан; **сарҳадро вайрон кардан** аз ҳудуд – каронаи замине ё мамлакате убур кардан бе рухсати соҳиби он.

**САРҲАДБОН** سرحدبان посбони сарҳад – марзи байни ду замин ё мамлакат, марзбон.

**САРҲАДБОНӢ** سرحدبانی посбонии сарҳад, марзбонӣ.

**САРҲАДДОР** سرحددار *ниг.* **сарҳадбон**.

**САРҲАДДОРӢ** سرحدداری кор ва вазифаи сарҳаддор, посбони сарҳад.

**САРҲАДӢ** سرحدی *мансуб ба* **сарҳад**; воқеъ дар сарҳад: **ноҳияҳои сарҳадӣ**.

**САРҲАДЧӢ** سرحدچی *ниг.* **сарҳадбон**.

**САРҲАДШИКАН** سرحدشکن он ки аз марзи мамлакате бидуни иҷозат убур кунад.

**САРҲАДШИКАНӢ** سرحدشکنی убури беиҷозат аз марзи ягон кишвар.

**САРҲАКАМ** سرحکم ҳаками асосӣ (*дар шоҳмот, футбол ва ғ.*), сардовар.

**САРҲАЛҚА** سرحلقه садрнишинӣ, раисии

маҳфил; сардор, пешво.

**САРҲАЛҚАГӢ** سرحلقه садрнишин, раиси маҳфил; сардорӣ, пешвоӣ.

**САРҲАНГ** سرهنگ *кит.* сардори як қисми муайяни лашкар; фармондеҳи ҳанг (*қисми низомӣ, ки ба полк баробар аст*).

**САРҲАРФ** سرحرف ҳарфи калон.

**САРҲИСОБ** سرحساب 1. *кит.* воқиф, огоҳ, бохабар. 2. оғози ҳисоб; нуқтаи сарҳисоб. 3. шумора, теъдод: **сарҳисоби чорво**.

**САРҲИСОБДОР** سرحسابدار ҳисобдори кулли идорае, сармуҳосиб.

**САРҲОЛ** سرحال саргардон, саргашта.

**САРҲОСИЛ** سرحاصل 1. тез пухта расанда, тезпазак. 2. ҳосили аввалини пухта расида.

**САРЧАРХ** سرچرخ *тех.* чархи асосӣ дар муҳаррик, ки дигар қисмҳоро чарх мезононад; чархи калон, гардона, маховик.

**САРЧАРХАК** سرچرخک *гуфт.* бемории чарх задани сар.

**САРЧАШМА** سرچشمه 1. аввали чашма, чашма. 2. манбаъ, ҷойи оғоз ва пайдоиши чизе.

**САРЧИН** سرچین интихобшуда, баргузида, зубда.

**САРЧӮПОН** سرچوپان сардори чӯпонон (-и хоҷагӣ, ноҳия...).

**САРҶАМЪ** سرجمع ҳама дар як ҷо ҷамъ, ба як ҷо тӯбшуда; сарҷамъ шудан ҳама ҷамъ омадан барои ҳалли ягон масъала.

**САРҶАМЪӢ** سرجمعی муттаҳидӣ, якҷоягӣ, ягонагӣ.

**САРҶАНГ** سرجنگ 1. сабабгори асосии ҷанг. 2. оғозкунандаи ҷанг. 3. сарфармондеҳи ҷанг.

**САРҶАРИДА** سرجریده сарсухан, муқаддима.

**САРҶИК** سرجیک *ниг.* **сарҷанг** 1.

**САРҶИЛАВ** سرجلو он ки ҷилави аспи саворадореро гирифта мебарад (*мас. аспи домод ва арӯсро*), ҷилавдор; он ки паҳлуи ронандаи мошини домоду арӯс нишаста, арӯсро то хонаи домод роҳбаладӣ мекунад (*асосан тағои арӯс*).

**САРҶИЛАВДОР** سرجلودار сардори парсторони аспҳои подшоҳӣ, сардори саисон.

**САРҶИН** سرجین 1. (аз сажени русӣ) воҳиди дарозӣ, ки ба 3 аршин ё 2, 134 м. баробар аст. 2. ҳезуми дар як ҷо ҷамъоваришуда.

**САРҶУМЛА** سرجمله *збш.* ҷумлаи асосӣ дар ҷумлаҳои мураккаб.

**САРҶУНБОНӢ** سرجنبانی 1. алвонҷ додан, афшондани сар (*мас., вақти рақс*). 2. бо ҳаракат додани сар тасдиқ ё рад кардан суханеро.

**САРҶӮБОР//САРҶӮЙБОР** سرجوبار//سرجوی‌بار ҷӯйи калон, ҷӯйи асосӣ.

**САРҶӮЙ** سرجوی 1. ҷӯи калон ва асосӣ. 2. сари (ибтидои) ҷӯй, ҷои саршавии ҷӯй.

**САРҶӮШ** سرجوش кафке, ки дар аввали ҷӯши гӯшт дар рӯи об пайдо мешавад.

**САРҶӮШӢ** سرجوشی **:сарҷӯшӣ намудан** ҷӯшидан; расидан (*дар бораи май*).

**САРШИКАН** سرشکن 1. чизе, ки боиси кафондани сар шуда метавонад (*мас., ях*). 2. *маҷ.* муаммо, масъалаи душвор.

**САРШИКАСТА** سرشکسته он чи сараш (нӯгаш) шикаста бошад: **қаламӣ саршикаста**.

**САРШИНОС** سرشناس он ки ӯро аксари мардум мешиносанд, маъруф, номӣ: **марди саршинос**.

**САРШИР** سرشیر қаймоқ, рӯи шир.

**САРШОР** سرشار 1. пур, лаболаб, лабрез. 2. *маҷ.* хеле зиёд, фаровон; **муҳаббати саршор, табъи саршор; саршор кардан** а) лаболаб пур кардан; б) маҷроб сохтан, фаровон кардан.

**САРШОХ** سرشاخ 1. нӯги шохаи дарахт; нав-да, шохи майда. 2. васса, дастак, чӯбҳое, ки бомро бо он мепӯшонанд.

**САРШУБОН//САРШАБОН** سرشبان *ниг.* **сарчӯпон**.

**САРШУМОР** سرشمار теъдоди чизҳо (*бештар оид ба чорпо*): **саршумори гӯсфандон**.

**САРШУМОРӢ** سرشماری ба ҳисоб гирифтан, шумури якояки нуфус (*одам ё чорво*).

**САРШӮЁН** سرشویان маросими махсуси духтарон пеш аз арӯсии духтаре.

**САРШӮӢ** سرشوئی шустани сар; шустани сару тан.

**САРШӮЙ** سرشوی як навъ гили сафед, ки дар об ҳал карда, бо оби он сар мешӯянд.

**САРЪ** صرع *тиб.* бемории асаб, ки дар он рагу мушакҳо мекашад, эпилепсия: **гирифтори бемории саръ**.

**САРЪЗАДА** صرع‌زده *тиб.* гирифтори бемории саръ.

**САРЪӢ** صرعی 1. *мансуб ба* **саръ**. 2. мубталои бемории саръ.

**САТАНГ** ستنگ *гуфт.* 1. танноз, пурнозу ишва. 2. олуфта.

**САТАНГНАМО** ستنگ‌نما *гуфт.* олуфтанамо; пурнозунуз.

**САТАРВАН** سترون *ниг.* **сутурван**.

**САТВАТ** سطوت *кит.* 1. шавкат, дабдаба, виқор. 2. сахтгирӣ, қувват. 3. ҳамла, ҳуҷум.

**САТИЛ** *а.* سطیل *ниг.* **сатл**.

**САТИЛСОЗ** سطیل‌ساز устое, ки аз тунука сатил месозад.

**САТИН** ستین навъе аз газвори гулдор ё бегули ҷилодор: **куртаи сатин**.

**САТИР** *а.* ستیر 1. он ки хато ва айби дигареро мепӯшонад. 2. пӯшида, пинҳон.

**САТИР(А)** ستیر(ه) мастура, зан ва ё духтари паси парда; зан ё духтари писандидаахлоқ.

**САТӢ** I *а.* ستی *кит.* оҳан; фӯлод.

**САТӢ** II *а.* ستی *шакли кӯтоҳшудаи* **сайидатӣ**; *ниг.* **сайида**.

**САТӢ** III *ҳ.* ستی зане, ки аз рӯи одати яке аз қабилаҳои ҳиндӣ худро бо ҷасади шавҳараш дар оташ месӯзонд.

**САТЛ** *а.* سطل зарф барои кашондани об, сатил.

**САТ(Т)ОРА** *а.* سطاره *кит.* мистар, хаткаш.

**САТР** I *а.* ستر 1. пӯшондан, пӯшидан (*мас., рӯйро*). 2. ҳиҷоб, парда.

**САТР** II *а.* سطر як қатори хат, як рахи навишташуда.

**САТРАНГ** سترنگ *биол.* гиёҳе, баргҳои ба барги анҷир монанд ва гулҳои сафед дорад, меҳргиёҳ, мардумгиёҳ.

**САТТОР** *а.* ستّار *кит.* пӯшанда, пардапӯшкунанда, пӯшандаи айбу гуноҳ (*яке аз сифатҳои Худо*).

**САТҲ** *а.* سطح 1. рӯи чизе, болои чизе, ки паҳну ҳамвор бошад: **сатҳи замин, сатҳи об**. 2. масоҳат.

**САТҲӢ** سطحی рӯякӣ, сарсарӣ.

**САФ** *а.* صف қатор, рада; **сафи ҷанг** майдони ҷанг; **саф бастан** дар як рада – қатор истодан; **саф кашидан** қатор шудан; **саф оростан** а) қатор шуда истодан; б) барои ҷанг омода шудан; **аз саф баромадан** аз сафи ҷанговарон хориҷ шудан, қобилияти ҷангии худро аз даст додан; **саф – саф** қатор-қатор.

**САФАВӢ** صفوی *таър.* ҳар кӣ ва чизи ба сулолаи сафавиҳо марбут.

**САФАН** *а.* سفن пӯсти моҳӣ ё наҳанг *ва г.*, ки барои нағз доштан ба рӯи қабзаи шамшер мечаспонанд.

**САФАР** I سفر 1. рафтан аз шаҳре ба шаҳре; равонашавӣ, мусофират. 2. саёҳат аз шаҳре ба шаҳре; **сафари охират** *кинoя аз* мурдан; **сафари ҳарбӣ** лашкар рондан бо мақсади ҷанг; **сафару ҳазар** вақти мусофират ва дар ҷое муқимӣ будан; **ба сафар баромадан** равона шудан аз шаҳре ба шаҳре ё аз ҷое ба ҷое; **сафар кардан** а) рафтан, раҳсипор шудан; б) юриш кардан (*бо мақсади ҷанг*); **сафар бахайр** дуое, ки ба касони ба сафар раванда гуфта мешавад; **сафари хушку холӣ** *кинoя аз* сафари бесуду манфиат.

**САФАР** II *а.* سفر *гуфт.* дафъа, бор; **ин сафар** ин бор.

**САФАР** III *а.* صفر моҳи дуюми солшумории

ҳиҷрии қамарӣ.

**САФАРБАР** سفربر **:сафарбар кардан** касеро ба иҷрои коре ё супорише омода намудан.

**САФАРБАРӢ** سفربری ба иҷрои кори муҳиме сафарбар кардан.

**САФАРӢ** سفری 1. *мансуб ба* **сафар**: **либоси сафарӣ**. 2. ба сафар равона, сафаркунанда.

**САФАРКАРДА** سفرکرده он ки ба сафар баромадааст.

**САФАРКУНАНДА** سفرکننده *ниг.* **сафарӣ**.

**САФАРНОМА** سفرنامه рисола ё китобе, ки дар он воқеоти сафар баён ёфтааст.

**САФАРХАТ** سفرخط ҳуҷҷате, ки барои сафари хориҷа ё сафари расмӣ аз тарафи мақомоти дахлдор дода мешавад.

**САФАРҶАЛ** *а.* سفرجل *кит., ниг.* **биҳӣ**.

**САФАРҶАЛРАНГ** سفرجلرنگ биҳиранг, зардранг.

**САФАҲ** صفه *кит.* 1. аблаҳӣ, нодонӣ. 2. аблаҳ, нодон.

**САФБАНДӢ** صفبندی сафоройӣ, дар саф истодан, қатор шуда ба тартиб истодан.

**САФВАТ** *а.* صفوت *кит.* покизагӣ; баргузидагӣ; баргузида; **сафвати одамиён** пайғамбар Муҳаммади Мустафо (с).

**САФВОН** *а.* صفوان равшанӣ, беолоишӣ; ҳамвор.

**САФДАР** صفدر 1. сафшикан, торуморкунандаи сафи душман. 2. *маҷ.* далер, паҳлавон, пурзӯр, шуҷоъ.

**САФДАРӢ** صفدری далерӣ, паҳлавонӣ, пурзӯрӣ, сафшиканӣ.

**САФДОР** صفدار дар роҳпаймоии ҳарбӣ будан, дорои саф.

**САФЕД** سفید 1. яке аз рангҳои асосӣ, ранги шир ё барф; *муқоб.* **сиёҳ**; **бахтат сафед бод!** хушбахт бош!; **дили сафед** дили пок аз ғараз ва кина, дили некхоҳ; **рӯяш сафед бод!** дар мавриди тақдири касе гӯянд, ки кори неке кардааст; **тиллои сафед** *кинояа аз* пахта; **роҳи сафед!** роҳи бахайр, роҳи нек, роҳи бехавфу хатар (**вақти сафар рафтани касе гуянд**); **шеъри сафед** шеъри озод; **сафед кардан устухони** *касеро* ҷони касеро ба лаб расондан, касеро безор кардан; **байрақи сафед бардоштан** а) хоҳони тарки ҷанг ва хусумат шудан; б) таслим шудан; **сафед кардан** а) оҳак ё гаҷ молидан ба девор; б) оби қӯрғошим давондан ба рӯи зарфҳои мисин; в) *маҷ.* беайб шуморидан, бегуноҳ эълон кардани касе; **сафед шудан** а) ранги сафед пайдо кардан; равшан шудан; б) *маҷ.* бегуноҳ шумурда шудан; **сафед шудани рӯз** дамидани субҳ; **сафед шудани чашм** дар роҳи касе бисёр интизорӣ кашида нобино шудан; **сурху сафед шудан** *бо касе* дар бораи коре бо касе ба мунокаша ва мунозира пардохтан; **сурху сафед шудан (аз шарм)** тағйир ёфтани ранги рӯй аз хиҷолат.

**САФЕД(ҲО)** سفید(ها) *таър.* тарафдорони ҳукумати подшоҳии рус дар арафаи инқилоби Октябр; *муқоб.* **сурхҳо**: **лашкари (ӯрдуи) сафед**.

**САФЕДА I** سفیده 1. моддаи сафеде, ки даруни тухми мурғ дар атрофии зарда воқеъ аст. 2. моддаи сафеда.

**САФЕДА II** سفیده хокаи сафед барои ороиши занон.

**САФЕДАГАР** سفیده‌گر *ниг.* **сафедгар**.

**САФЕДАДАМ** سفیده‌دم *ниг.* **сапедадам**.

**САФЕДАК** سفیدک 1. сафеди тозаву озода, ки нисбат ба духтарон ва кӯдакон гуфта мешавад. 2. як навъ гандум.

**САФЕДБАДАН** سفیدبدن он ки тани сафеди тару тоза дорад.

**САФЕДБАХТ** سفیدبخت *маҷ.* хушбахт, баландиқбол; *муқоб.* **сиёҳбахт**.

**САФЕДБАХТӢ** سفیدبختی *маҷ.* хушбахтӣ, хушиқболӣ, некбахтӣ.

**САФЕДБЕД** سفیدبید *бот.* беди сафед.

**САФЕДБО** سفیدبا шӯрбое, ки танҳо аз гӯшти дар об ҷӯшонда иборат аст.

**САФЕДБОД** سفیدباد варами сафедгун.

**САФЕДГАР//САФЕДАГАР** سفیدگر//سفیده‌گر он ки зарфҳои мисинро сафед мекунад; он ки дару девор ва хонаро сафед мекунад.

**САФЕДГАРӢ** سفیدگری амалу кори сафедгар.

**САФЕДГИЛ** سفیدگل хоки сафед, ки дар сохтмон ва барои сохтани зарфҳо низ ба кор бурда мешавад, сафедхок.

**САФЕДГУЛ** سفیدگل *бот.* гули бобуна.

**САФЕДГУН(А)** سفیدگون(ه) сафедранг, сафед.

**САФЕДДЕГ** سفیددیگ он ки дегаш ҳамеша холист, бенаво, камбағал.

**САФЕДӢ** سفیدی 1. ранги сафед доштан, сафедрангӣ. 2. рӯшноӣ. 3. пудра, сафеда; **сафедӣ афтодан (**ба мӯй, риш**)** ба сафедшавӣ сар кардани муй.

**САФЕДКОР** سفیدکار 1. *ниг.* **сафедгар**. 2. накӯкор.

**САФЕДКОРӢ** سفیدکاری 1. сафед кардан, гачкорӣ. 2. накукорӣ намудан.

**САФЕДКОСА** سفیدکاسه *киноя аз* ҷавонмард, соҳибҳиммат; *муқоб.* **сияҳкоса**.

**САФЕДКУНАНДА** سفیدکننده 1. *ниг.* **сафедгар**. 2. *ҳуқ.* додвар, адвокат.

**САФЕДКУНӢ** سفیدکنی 1. сафед кардан (*бо оҳак ё ранг*). 2. *маҷ.* ба беайбӣ баровардан, бегуноҳ шумурдани маҳкама маҳкумеро.

**САФЕДМОЛ** سفیدمال чарми сафеди аълосифат, ки аз пӯсти гӯсфанд тайёр мешавад.

**САФЕДМОҲӢ** سفیدماهی *зоол.* як навъ моҳии сафед, ки аслан дар дарёҳои кӯҳӣ зиндагӣ мекунад.

**САФЕДМӮӢ** سفیدموئی пирӣ.

**САФЕДМӮЙ** سفیدموی 1. он ки мӯи сафед дорад. 2. мӯйсафед, пир.

**САФЕДМӮҲРА** سفیدمهره мӯхраи сафед; мӯхраҳои сафеди шоҳмот.

**САФЕДНАЖОД** سفیدنژاد он ки ба нажоди сафедпӯстон мансуб аст.

**САФЕДНОМ** سفیدنام *ниг.* **некном**.

**САФЕДОБ** سفیداب 1. қӯрғошими сӯхта, ки ҳамчун ранги сафед, барои рангу бори чизҳои чӯбин истифода мешавад. 2. оби (шарбати) бодом, ки дар тиб истифода мешавад. 3. гарди сафеда, ки занон барои ороиш истифода мебаранд.

**САФЕДОР** سفیدار *бот.* дарахти росту баланди танасафеди бемева.

**САФЕДОРЗОР** سفیدارزار ҷои анбӯҳи дарахти сафедор.

**САФЕДПЕШОНӢ** سفیدپیشانی ҳайвоне, ки пешонияш сафед аст.

**САФЕДПӮСТ** سفیدپوست он ки ва он чи пӯсти сафед дорад.

**САФЕДПӮЧОҚ** سفیدپوچاق он чи пӯсташ сафед аст (*мас., картошка*).

**САФЕДПӮШ** سفیدپوش он ки либоси сафед дар бар дорад.

**САФЕДПӮШОН** سفیدپوشان маросими махсуси иваз кардани либоси мотамӣ ба либоси одӣ, аз мотамдорӣ баромадан.

**САФЕДРАНГ** سفیدرنگ ба ранги барф, сафед.

**САФЕДРИШ** سفیدریش марде, ки риши сафед дорад.

**САФЕДРУХСОР** سفیدرخسار 1. сафедчеҳра. 2. *маҷ.* хушрӯй.

**САФЕДРӮ(Й)** سفیدرو(ی) 1. он ки ранги рӯяш сафед бошад. 2. он ки беайб буда, наз-ди касе забонкӯтоҳ нест; *муқоб.* **сиёҳрӯй**.

**САФЕДТОБ** سفیدتاب 1. ранги ба сафедӣ моил. 2. он чи ба назар сафед метобад.

**САФЕДФОМ** سفیدفام *ниг.* **сафедтоб**.

**САФЕДХУНӢ** سفیدخونی *тиб.* бемории сафед шудани хун, лейкоз.

**САФЕДЧА** سفیدچه *ниг.* **сафедтоб**.

**САФЕДЧАРАНГ** سفیدچه‌رنگ камтар сафед, ба сафедӣ моил.

**САФЕДЧАРӮ(Й)** سفیدچه‌رو(ی) он ки ранги рӯяш ба сафедӣ моил аст.

**САФЕДЧАТОБ** سفیدچه‌تاب *ниг.* **сафедчаранг**.

**САФЕДЧЕҲРА** سفیدچهره *ниг.* **сафедрӯй** 1.

**САФЕДҶОМА** سفیدجامه он ки ҷома – либоси сафед дар бар дорад.

**САФЕДҶОМАГОН** سفیدجامه‌گان *таър.* пайрави ҳаракати зидди истилогарони араб дар Осиёи Миёна, ки ба он Муқаннаъ роҳбарӣ мекард.

**САФЕДШУДА** سفیدشده 1. он чи сафедгарӣ шудааст. 2. *ҳуқ.* он ки бегуноҳ будани вай исбот шудааст.

**САФЕҲ** *а.* سفیه *кит.* ноқисулақл, бехирад, аблаҳ, нодон, бефаросат.

**САФЕҲӢ** سفیهی бехирадӣ, нодонӣ, бефаросатӣ.

**САФЕҲОНА** سفیهانه аҳмақона, аз рӯи аблаҳӣ ва нодонӣ.

**САФИЛ** I *а.* سفیل *кит.* пастфитрат, дун, нокас, фурӯмоя.

**САФИЛ** II سفیل *гуфт.* сари девор, ки бо хасу чизи дигар пӯшонда шудааст: **сафили девор**.

**САФИЛӢ** سفیلی пастӣ, забунӣ.

**САФИНА** I *а.* سفینه киштӣ.

**САФИНА** II *а.* سفینه *кит.* маҷмӯаи ашъори шоирони гуногун, баёз.

**САФИР** I *а.* سفیر намояндаи як давлат дар давлати дигар, фиристода; **сафири кабир** олитарин намояндаи сиёсии як мамлакат дар мамлакати дигар.

**САФИР** II *а.* صفیر *кит.* хониш ва садои парандаҳо; садои ҳуштак.

**САФИР** III *а.* سفیر *маъд.* ёқути кабуд.

**САФӢ** *а.* صفی 1. соф ва холиси ҳар чиз, баргузида; пок, поктинат. 2. дӯсти мухлис ва якдил.

**САФКАШӢ** صف‌کشی саф оростан, саф кашидан дар урдуҳои талабагӣ ва ҳарбӣ; бо тартиб ва низом қатор шудан.

**САФНИШИН** صف‌نشین ҳамқатор, ҳамсаф; дар як қатор нишастан.

**САФО** I *а.* صفا 1. покӣ, беғуборӣ, софӣ; равшанӣ. 2. хушӣ, хуррамӣ, шодмонӣ, хушдилӣ; **бо сафои хотир** бо хотири хуш, бо ризою рағбат, аз дилу ҷон; **кайфу сафо** кайфу дилхушӣ, айшу ишрат. 3. равнақ, ривоҷи кор; **сафо бахшидан** равшан кардан, нур бахшидан, хушу хуррам намудан.

**САФО** II *а.* صفا *кит.* оштӣ, сулҳ, осоиш: **сидқу сафо, сулҳу сафо**.

**САФОБАХШ** صفابخش хушиовар, дилхушкунанда.

**САФОБАХШАНДА** صفابخشنده *ниг.* **сафобахш**.

**САФОВА(Т)** *а.* صفاوه//صفاوت сафват, тозагӣ; покизагӣ.

**САФОИН** I *а.* سفائن *ҷ.* **сафина** I.

**САФОИН** II *а.* سفائن *ҷ.* **сафина** II.

**САФОКЕШ** صفاکیش покитинат, некӯсират, покмаслак.

**САФОЛ** سفال зарфи гилие, ки дар хумдон пухта шудааст.

**САФОЛАК** I سفالک қабати болоии хок, ки баъди борон хушк шуда кафида хезад; **сафолак бастан** пайдо шудани қабати хушк рӯи замин пас аз боришот.

**САФОЛАК** II سفالک *мус.* баланд ва бо суръати тез задани доира.

**САФОЛАТ** *а.* سفالت пастӣ, нокасӣ, фурӯмоягӣ (*аз сифатҳои бади инсонӣ*).

**САФОЛГАР** سفالگر он ки зарфҳои сафолин месозад.

**САФОЛГАРӢ** سفالگری амал ва шуғли сафолгар.

**САФОЛГАРХОНА** سفالگرخانه корхонае, ки дар он аз сафол зарф месозанд.

**САФОЛИН** سفالین аз ҷинси сафол; кӯзаи сафолин, табақи сафолин, ғулбаи сафолин.

**САФОЛИНЛАБ** سفالین‌لب *ниг.* **суфолинлаб**.

**САФОЛӢ** سفالی *ниг.* **сафолин**.

**САФОЛПОРА** سفالپاره як парча сафол.

**САФОЛПӮШ** سفالپوش :**боми сафолпӯш** боми бо тахтачаҳои сафолӣ пӯшондашуда.

**САФОРА** سفاره 1. заминҳои зери буғ монда; 2.заминҳои навкорам.

**САФОРАТ** *а.* سفارت 1. кор ва вазифаи сафир. 2. намояндагӣ: **сафорати Тоҷикистон дар Ирон**.

**САФОРАТХОНА** سفارت‌خانه бино–идораи сафири як давлат дар давлати дигар.

**САФОРОӢ** صف‌آرائی 1. саф бастан. 2. ба ҷанг омода шудан.

**САФОҲАТ** *а.* سفاهت *кит.* сафоҳӣ, ноқисулақлӣ, аблаҳӣ; кор ва рафтори беақлона.

**САФОҲАТОМЕЗ** سفاحت‌آمیز аблаҳона, беақлона.

**САФРО** *а.* صفراء *тиб.* дар тибби қадим яке аз чаҳор хилти таркибии бадани инсон, ки онро талха ва захра низ гӯянд; моеи талхи зард, ки дар халтачаи захра ҷамъ мешавад.

**САФРОБАР** صفرابر он чи сафроро кам кунад ё

равонад.

**САФРОВИМИЗОҶ** صفراوی‌مزاج *ниг.* **сафроимизоҷ**.

**САФРОВӢ** *а.* صفراوی *ниг.* **сафроӣ**.

**САФРОЗАДА** صفرازده *тиб.* он ки ба сабаби зиёд ғуншавии хилти сафро мизоҷаш аз ҳолати эътидол баромада зудхашм ва асабонӣ шудааст.

**САФРОӢ** صفرائی *тиб.* гирифтори бемории сафро; сафромизоҷ.

**САФРО(И)МИЗОҶ** صفرامزاج//صفرایمزاج *тиб.* 1. гармизоҷ (*аз нуқтаи назари тибби қадим*). 2. *маҷ.* тундхӯ, зудхашм, асабонӣ.

**САФРОСӮХТА** صفراسوخته 1. он ки заҳрааш иллат дорад. 2. тундмизоҷ.

**САФСАТА** *а.* سفسطه 1. гапҳои беҳуда, сухани бемаза ва берабт; **гапи сафсата**. 2. ҳазён, он чи бемор дар ҳолати таби баланд гӯяд; **сафсата гуфтан** ҳазён гуфтан, гапи беҳуда, беасос ва бемаънӣ задан; **сафсата фурӯхтан** а) гапи беҳуда задан; б) бо гапҳои беҳуда маҳмадонӣ кардан.

**САФСАТАГӮӢ** سفسطه‌گوئی гуфтани суханони бемаънии берабт, ҳазёнгӯӣ.

**САФСАТАГӮЙ** سفسطه‌گوی беҳудагӯй, лаққӣ, ҳарзагӯй.

**САФСАТАОМЕЗ** سفسطه‌آمیز суханони бемаънӣ ва берабт.

**САФСАТАФУРӮШ** سفسطه‌فروش *ниг.* **сафсатагӯй**.

**САФСАТАФУРӮШӢ** سفسطه‌فروشي гапи беҳуда задан, гапи дурӯғу беасосро рост ба қалам додан.

**САФСАТАХОНӢ** سفسطه‌خوانی *ниг.* **сафсатафурӯшӣ**.

**САФФОК** *а.* سفّاک *кит.* хунрез, одамкуш; золим, бераҳм.

**САФФОР** *а.* صفّار *кит.* мисгар.

**САФФОРӢ** صفاری мисгарӣ.

**САФҲ** *а.* صفح *кит.* афви гуноҳ, бахшидани гуноҳ.

**САФҲА** *а.* صفحه 1. рӯй, руя, рӯи мусаттаҳи чизе, саҳифа. 2. қартаи граммофон.

**САФЧА** صفچه *кит.* харбузаи хом ва норасида, тарак, ки аз он косаи шароб ҳам месохтанд.

**САФШИКАН** صف‌شکن *маҷ.* далер, шуҷоъ, ҷасур, баҳодур.

**САФШИКАНӢ** صف‌شکنی далерӣ, шуҷоатмандӣ, ҷасурӣ.

**САХИГӢ** سخیگی *ниг.* **саховат**.

**САХӢ** سخی саховатманд, кушодадаст, ҷавонмард: **инсони сахӣ**.

**САХЛАВ** سخلو *таър.* гурӯҳи сарбозон, ки дар ҷойе иқомат дошта маъмури муҳофизати он ҷой буданд.

**САХО** *а.* سخا *ниг.* **саховат**.

**САХОВАТ** *а.* سخاوت кушодадастӣ, ҷавонмардӣ, ҳимматбаландӣ, карам, сахигӣ; **хайру саховат** хайру эҳсон.

**САХОВАТМАНД** سخاوتمند *ниг.* **сахӣ**.

**САХОВАТМАНДӢ** سخاوتمندی кушодадастӣ ва некӣ, хайру эҳсон кардан.

**САХОВАТМАНДОНА** سخاوتمندانه ҷавонмардона, некӯкорона.

**САХОВАТПЕША** سخاوت‌پیشه *ниг.* **саховатманд**.

**САХОПЕША** سخاپیشه *ниг.* **сахӣ**.

**САХОФАТ** *а.* سخافت сабукӣ, заъф; сабуксорӣ.

**САХР(А)** *а.* صخر(ه) харсанг, кӯҳпора; санги калони сахт.

**САХТ** سخت 1. маҳкам, мустаҳкам, устувор, шах; *муқоб.* **суст, мулоим, нарм; ҷисми сахт**; **одам аз гул нозук, аз санг сахт аст** (*мақ.*). 2. душвор, мушкил; **кори сахт**. 3. вазнин; **кори сахт; хоби сахт** хоби вазнин; хобе, ки кас аз он бедор нашавад. 4. шадид, бошиддат; **зимистони сахт**, **муборизаи сахт**, **ҷазои сахт**, **ҷанги сахт**. 5. қатъӣ: **чораи сахт**, **эътирози сахт**. 6. тунд, тез; дағалона, дурушт; **боди сахт, гапи сахт**. 7. баланд: **овози сахт**. 8. хасис, мумсик, лаим; **дили сахт** дили бетараҳҳум; **рӯзи сахт** тангӣ, душворӣ, бадии рӯзгор; **сари сахт** бадбахт, шӯрбахт; **сахт будан** а) хасис будан, мумсик будан; б) устувор будан, побарҷо будан; **сахт гап задан** бо дуруштӣ сухан гуфтан; **сахт гирифтан** сахтгирӣ кардан, муомилаи дурушт кардан; **сахт карда гуфтан** бо тундию тезӣ гап задан ба касе, бо дуруштӣ гап задан; **сахт истодан** устувор истодан, исрор дар гуфтаи худ; **сахт кардан** пӯшондан, маҳкам кардан; **сахт**

**кашидан** таранг кардан; **сахт омадан** душвор будан, ногувор будан; **сахт шудан** а) душвор шудан (*мас., кор*), б) дурушт шудан (мас. пӯсти бадан); **нафаси сахт** кашидан бо душворӣ нафас кашидан; **сахт – сахт** хеле сахт (ба маъноҳои 1, 2, 3 **сахт**).

**САХТАН** سختن *кит.* 1. вазн доштан. 2. санҷидан, баркашидан.

**САХТБАРГ** растаниҳое, ки дорои баргҳои дурушти сахт мебошанд.

**САХТБОЗУ** سختبازو қавидаст, одами тануманди пурзӯр; тавоно, зӯр.

**САХТБОЛ** سختبال дорои боли сахт.

**САХТБУНЁД** سختبنیاد он чи асос ва пояи маҳкаму устувор дорад.

**САХТБУНЁН** سختبنیان *ниг.* **сахтбунёд**.

**САХТГАП** سخت‌گپ дурုштгап, талхзабон.

**САХТГИР** سخت‌گیر он ки бо қатъият ва диққат корбарӣ мекунад, дақиқ, серталаб.

**САХТГИРӢ** سخت‌گیری серталаб, дақиқ ва интизомдӯст будан дар коре, бо катъият талаб кардани иҷрои коре.

**САХТГӮ(Й)** (سخت‌گو(ی)он ки дурушт ва қатъӣ гап мезанад.

**САХТДАСТ** سختدست *маҷ.* хасис, мумсик; *муқоб.* **кушодадаст**.

**САХТДИЛ** سختدل сангдил, бераҳм.

**САХТДИЛӢ** سختدلی бераҳмӣ кардан, ноинсофӣ.

**САХТИГАРӢ** سخت‌گیر хасисӣ, мумсикӣ.

**САХТИДИДА** سختیدیده азобкашида, он ки дар зиндагӣ азобу машаққат ва маҳрумияти зиёд кашидааст.

**САХТИЁН** سختیان *кҳн.* пӯсти ошдодашуда; чарми нозук ва мулоими буз, сафён.

**САХТИКАШ** سختی‌کش 1. тобовар, тоқатовар; меҳнаткаш. 2. *маҷ.* диловар, шуҷоатнок.

**САХТИРОДА** سختاراده қавиирода, он ки дар азми худ ҷазм ва устувор аст.

**САХТӢ** سختی 1. маҳкамӣ, устуворӣ, шахӣ. 2. душворӣ, вазнинӣ; *муқоб.* **осонӣ**. 3. дурuштӣ, дағалӣ. 4. хасисӣ, мумсикӣ; **сахтӣ дидан (кашидан)** азобу уқубат дидан, бо қашшоқӣ ва эҳтиёҷ умр гузарондан.

**САХТКАМОН** سخت‌کمان *кит.* тирандози моҳир.

**САХТКӮШ** سخت‌کوش кӯшо, боғайрат.

**САХТЛАҶОМ** سخت لجام *ниг.* **сахтҷилав**.

**САХТМУОМИЛА** سختمعامله дағал, дурuштрафтор (*одам*).

**САХТПАНҶА** سختپنجه *ниг.* **сахтдаст**.

**САХТПО(Й)** (سختپا(ی собитқадам.

**САХТРӮ(Й)** (سخترو(ی беибо, бешарм, густох.

**САХТРӮЗ** سختروز он ки рӯзгораш ба сахтӣ мегузарад; фақир, қашшоқ; бетолеъ.

**САХТРӮӢ** سختروئی 1. истодагар, устувор. 2. *маҷ.* бешарм, густох; дурушт.

**САХТСАР** سختسر саркаш, гарданкаш, якраҳа, инодкор.

**САХТСАРӢ** سختسری саркашӣ, гардантобӣ.

**САХТУ** سختو *кҳн., ниг.* **ҳасиб**.

**САХТЧАШМ** سختچشم шӯх.

**САХТҶИЛАВ** سختجلو 1. ноором, саркаш (*асп*). 2. *маҷ.* инодкор, якраҳа, гапнодаро (*одам*).

**САХТҶОН** سختجان тобовар, сертоқат, таҳаммулкунанда, бурдбор; бадмур.

**САХТҶОНӢ** سختجانی тобоварӣ, шикебоӣ, бурдборӣ.

**САХТҶӮШ** سختجوش бисёр ҷӯшзананда; пуршур, пурҳаяҷон, ◊ **ин оташин хонаи сахтҷӯш** дунё.

**САХТШАВӢ** سختشوی шах шудан: **сахтшавии ширеш**.

**САХТШУДА** سختشده *сифати феълии замони гузашта аз* **сахт шудан**; шахшуда, мустаҳкамшуда: **гаҷи сахтшуда**.

**САХТЭЪТИҚОД** سختاعتقاد дорои эътиқоду ихлоси сахт.

**САХУН** سخن *ниг.* **сухан.**

**САҲАР** I *а.* سحر саседадам, бомдод, замони акнун кушода шудани чашми рӯз; **шаб то саҳар** тамоми шаб.

**САҲАР** II *а* سهر *кит.* бехобӣ, бедорӣ; касалии бехобӣ.

**САҲАРА** *а.* سحره *ҷ.***соҳир** I.

**САҲАРГАҲ//САҲАРГОҲ** سحرگه//سحرگاه ҳангоми саҳар, бомдод, сапедадам.

**САҲАРГАҲӢ** سحرگهی *ниг.* **саҳаргоҳӣ**.

**САҲАРГАҲОН** سحرگهان *ниг.* **саҳаргоҳӣ**.

**САҲАРГОҲ** سحرگاه *ниг.* **саҳаргаҳ**.

**САҲАРГОҲӢ** سحرگاهی 1. *мансуб ба* **саҳаргоҳ//саҳаргаҳ**. 2. саҳаргоҳон, вақти бомдод.

**САҲАРГОҲОН//САҲАРГАҲОН** سحرگاهان// سحرگهان дар ҳангоми саҳар, бомдодон.

**САҲАРӢ** سحری 1. *мансуб ба* **саҳар**; бомдодӣ: **насими саҳарӣ**, **шабнами саҳарӣ**. 2. таоме, ки рӯзадорон пеш аз сапедадам (бомдод) мехӯранд.

**САҲАРХЕЗ** سحرخیز он ки саҳари барвақт аз хоб мехезад.

**САҲАРХЕЗАК** سحرخیزک *гуфт., ниг.* **авсарӣ**.

**САҲАРХЕЗӢ** سحرخیزی одати саҳари барвақт аз хоб хестан.

**САҲАРХОН** سحرخوان вақти саҳар хонишкунанда; **мурғи саҳархон** булбул; қумрӣ; хурӯс.

**САҲАТ** صحت *шакли гуфтугӯии* **сиҳ(ҳ)ат**.

**САҲБО** صهبا *кит.* шароби сурх, май.

**САҲВ** I سهو хато, иштибоҳ.

**САҲВ** II صحو ҳушёршавӣ, ҳушёрӣ, бартараф шудани мастӣ.

**САҲВА** *а.* صهوه *кит.* пушти асп, ҷои нишасти савора дар пушти асп.

**САҲВАН** *а.* سهواً бархато, аз рӯи иштибоҳ.

**САҲВНОК** سهوناک дорои саҳву хато.

**САҲВРАВӢ** سهو روی роҳгум задан, ба роҳи хато рафтан, хато шудан.

**САҲЕҲ** *а.* صحیح 1. тандуруст, солим, беайбу нуқс; **саҳеҳу солим** сиҳату саломат. 2. дуруст, рост, аниқ; **саҳеҳу ғалат** дуруст ва хато; **ҷавоби саҳеҳ додан** дуруст ҷавоб гардондан.

**САҲЕҲӢ** صحیحی 1. солимӣ, саломати хуб. 2. дурустӣ, ростӣ.

**САҲЕҲУЛАЪЗО** *а.* صحیح‌الاعضا солимбадан, тандуруст.

**САҲЕҲУЛМИЗОҶ** *а.* صحیح‌المزاج саломатии хуб дошта, тансиҳат, тандуруст.

**САҲЕҲУННАФС** *а.* صحیح‌النفس солим, тандуруст.

**САҲЕҲУТТАБЪ** *а.* صحیح‌الطبع солимтабъ, дурусттабъ, соҳиби табъи мавзун.

**САҲИБОЛО** سهی‌بالا 1. ростқомат, мавзунқомат, хушқомат. 2. *маҷ.* маъшуқа.

**САҲИҚАД** سهی‌قد *ниг.* **саҳиболо**.

**САҲИҚОМАТ** سهی‌قامت *ниг.* **саҳиболо**.

**САҲИЛ** *а.* صهیل 1. шеҳаи асп, овози асп. 2. бонг, наъра.

**САҲИМ** *а.* سهیم *кит.* он ки бо дигаре дар коре шарик аст, саҳмдор.

**САҲИФА//САФҲА** *а.* صحیفه//صفحه як рӯи варақ: **дар сафҳаи дил навиштан** *маҷ.* бар рӯи дил нақш кардан; **саҳифаи нав кушодан** *маҷ.* ҷиҳати нави кореро оғоз кардан.

**САҲИФАБАНД** صحیفه‌بند он ки дар матбаа аз маводи чидашуда саҳифа мебандад.

**САҲИФАБАНДӢ** صحیفه بندی ҷузвабандӣ, амал ва шуғли саҳифабанд.

**САҲӢ** سهی 1. рост, баланд; **сарви саҳӣ**, **саҳисарв** а) сарви рост ва баланд, сарви ростарафтаи зебо; сарви наврас; б) *киноя аз* қади рост, қомати рост. 2. номи зани Эраҷ, ки писари хурди Фаридун буд.

**САҲҚ** *а.* سحق соидан, кӯфтан, реза кардан.

**САҲЛ** I *а.* سهل 1. осон; сабук, нодушвор; *муқоб.* **саъб (*душвор*)**; **кори саҳл** кори осон; **агар ёр аҳл аст, кор саҳл аст** (*зарб.*); **саҳл гирифтан** (*кореро*) осон шумурдан, дуруст аҳамият надодан, бепарвоёна рафтор кардан (*ба коре*). 2. андак, каме.

**САҲЛ** II *а.* سهل *кит.* замини ҳамвор; **саҳлу ҷабал** замини ҳамвор ва кӯҳҳо; пасту баланд.

**САҲЛАНГОР** سهلنگار он ки ҳар кореро саҳлу осон мепиндорад, саҳлгир; бепарво.

**САҲЛАНГОРӢ** سهلنگاری саҳлгирӣ кореро, бепарвоӣ, бедиққатӣ (*дар иҷрои коре*).

**САҲЛАНГОРОНА** سهلنگارانه бедиққатона, бепарвоёна; сабукфикрона.

**САҲЛГИР** سهلگیر *ниг.* **саҳлангор.**

**САҲЛГИРӢ** سهلگیری кореро осон пиндоштан, бепарвоӣ.

**САҲЛГӮӢ** سهلگوئی мулоимсуханӣ, нармгуфтор.

**САҲЛГӮЙ** سهلگوی нармгуфтор, мулоимсухан.

**САҲЛӢ** سهلی 1. осонӣ. 2. мулоими, хушмуомилагӣ; **бо саҳлӣ** а) ба осонӣ; б) бо мулоиматӣ.

**САҲМ** I *а.* سهم тарс, ваҳм, бим, ҳарос.

**САҲМ** II *а.* سهم ҳисса, баҳра; **саҳм гузоштан** (*ба коре, чизе*) ҳисса ҳамроҳ кардан.

**САҲМ** III *а.* سهم *кит.* тир, тире, ки бо камон андохта мешавад.

**САҲМГИН** سهمگین воҳиманок, тарсовар, хавфнок.

**САҲМГИР** سهمگیر иштирокдор, саҳмгузор, саҳмдор.

**САҲМГИРӢ** سهمگیری иштирок намудан дар иҷрои коре, ҳисса гузоштан.

**САҲМГУЗОР** سهمگذار иштирокдор, ҳиссагузор.

**САҲМГУЗОРӢ** سهمگذاری иштирок, ширкат, ҳиссагузорӣ.

**САҲМДОР** I سهمدار тарсончак, воҳимазада.

**САҲМДОР** II سهمدار он ки дар коре саҳм – ҳисса дорад, соҳибҳисса, баҳрадор; шарики бонкӣ, дорандаи саҳм, яъне дорандаи қисми сармояи бонк, ки ҳақ дорад дар идораи бонк ширкат варзад ва фоида ба даст орад.

**САҲМДОРӢ** سهمداری *ниг.* **саҳмгузорӣ**.

**САҲМИЯ** سهمیه саҳм, яке аз ҳиссаҳои баробари сармояи саҳомии бонк.

**САҲМНОК** سهمناک 1. *ниг.* **саҳмгон**. 2. ҳиссадор.

**САҲН** *а.* صحن 1. соҳат, руй (замин, хона); **саҳни мадраса** рӯи ҳавлии мадраса; **саҳни ҳавлӣ** рӯи ҳавлӣ. 2. саҳна, майдон.

**САҲНА** I صحنه 1. замини ҳамвор, ҷои васеъ, майдон, арса. 2. ҷойи намоиш ва бозӣ дар театр. 3. намоише аз як пиеса ё роман, ҳикоя ва достон; манзара; дар паси саҳна дур аз чашми мардум, ноаён.

**САҲНА** II صحنه рӯй, ораз, симо.

**САҲНАВӢ** صحنوی *мансуб ба* **саҳна**.

**САҲНАЗЕБ** صحنهزیب саҳнабоб, муносиби саҳна.

**САҲНАОРО** صحنهآرا он ки саҳнаро барои намоиш оро медиҳад.

**САҲНАСОЗ** صحنهساز *ниг.* **саҳнаоро**.

**САҲНАСОЗӢ** صحنهسازی сохтани саҳна.

**САҲНАЧА** صحنچه саҳнаи хурд: **саҳначаи ҳаҷвӣ**.

**САҲОБ** صحاب абр, меғ.

**САҲОБА** صحابه *д.* ҳамсӯҳбат, ёр, ҳамнишин, ҳамдам, ҳамсӯҳбатони Муҳаммади пайғамбар (с).

**САҲОИФ** صحائف *ҷ.* **саҳифа**.

**САҲОМ** سهام саҳмгузор.

**САҲОМӢ** سهامی саҳмгузорӣ.

**САҲРО** *а.* صحرا 1. дашти беобу алаф, биёбони бедолу дарахт, чӯл. 2. атрофи шаҳр, боғоти гирди шаҳр; замини кишт.

**САҲРОГАРД** صحراگرد биёбонгард; кӯчманчӣ.

**САҲРОГАРДӢ** صحراگردی биёбонгардӣ, кӯчманчигарӣ.

**САҲРОӢ** صحرائی 1. *мансуб ба* **саҳро**; **бошишгоҳи саҳроӣ**. 2. саҳронишин, деҳотӣ.

**САҲРОНАВАРД** صحرانورد биёбонгард.

**САҲРОНАВАРДӢ** صحرانوردی саҳротайкунӣ, саҳрогардӣ.

**САҲРОНИШИН** صحرانشین 1. он ки дар беруни шаҳр зиндагӣ мекунад. 2. *киноя аз* турк; *муқоб.* **шаҳрнишин**. 3. *маҷ.* одами омӣ, содадил.

**САҲРОРАВ** صحرارو саҳрогард, биёбонӣ, бодиянишин, кӯчманчӣ.

**САҲУР//СУҲУР** *а.* سحور *д.* вақти пеш аз дамидани субҳ, ки мусулмонон дар моҳи рамазон барои рӯзагирӣ охирин бор хӯрок хӯрда метавонанд.

**САҲУРӢ** سحوری *д.* хӯроке, ки дар моҳи рамазон саҳаргоҳон мехӯранд; **саҳурӣ задан** саҳур

хӯрдан, саҳарӣ хӯрдан.

**САҲҲОР** *а.* سحار бисёр сеҳру ҷодукунанда, соҳир, ҷодугар.

**САҲҲОФ** *а.* صحاف ҷузъбанд, мӯқовабанди китоб, ҷилдсоз.

**САҲҲОФӢ** صحافی касбу кори саҳҳоф.

**САЧОҚ** سچاق *гуфт.* он чи бо он дасту рӯ пок кунанд.

**САҶДА** *а.* سجده 1. пешонӣ бар замин гузоштан; таъзим (*дар ибодат ё аз рӯи аҷз ва фурӯтанӣ*). 2. *д.* пешонӣ, ду кафи даст, ду зонуро ба замин ниҳода зикрҳои муқаррарро гуфтан дар намоз.

**САҶДАГОҲ** سجده‌گاه ҷое, ки Худоро саҷда кунанд, маҳалли ибодат; масҷид, меҳроб.

**САҶИЙЯ** *а.* سجیه *кит.* сиришт, табиат; хислат.

**САҶҶОДА** *а.* سجاده ҷойнамоз, мусалло.

**САҶҶОДАНИШИН** سجاده‌نشین *д.* 1. он ки ҳамеша рӯи саҷҷода менишинад ва намоз мехонад. 2. *маҷ.* шайх, порсо, зоҳид.

**САҶҶОДАПАРАСТ** سجاده‌پرست он ки пайваста намоз мегузорад: шайх, зоҳид.

**САҶЪ** *а.* سجع *адш.* сухани қофиядор, дар наср овардани калимаҳои ҳамвазну ҳамоҳанг.

**САЪБ** *а.* صعب душвор, мушкил, сахт.

**САЪБА** صعبه *гуфт., ниг.* **саъва**.

**САЪВА** *а.* صعوه парандаест хурдтар аз гунҷишк.

**САЪД** *а.* سعد бахосият, муборак, хуҷаста, бахтовар; *муқоб.* **наҳс**; **саъду наҳс** бахосияту бехосият, муборак ва шум; **саъди акбар** *нуҷ.* сайёраи Муштарӣ–Ҳурмузд; **саъди асғар** сайёраи Зӯҳра – Ноҳид.

**САЪДӢ** سعدی 1. хушбахтӣ, мубораки; хушбахт. 2. хуҷаста, муборак; **рӯзи саъдӣ** рӯзи нек.

**САЪЙ** *а.* سعی кӯшиш, ҷидду ҷаҳд, ғайрат; **саъй доштан (кардан)** кӯшидан, ғайрат кардан.

**САЪҚА** *а.* صعقه *кит.* 1. барқ задан, оташак задан. 2. оташ.

**САЪЛАБ** I *а.* ثعلب *кит., ниг.* **рӯбоҳ**.

**САЪЛАБ** II *а.* ثعلب *бот.* як навъ растании худрӯи кӯҳӣ.

**САЪЛУҚ** *а.* صعلوک *кҳн.* фақир, нодор, дарвеш.

**САЪТАР** سعتر//صعتر *кит., биол.* кокутӣ.

**САЪТАРИМАНЗАР** سعتری‌منظر зебо, хушрӯй.

**САЯЛОН** *а.* سیلان ҷараён, равоншавии чизҳои моеъ.

**САЯРОН** *а.* سیران *ниг.* **сайрон**.

**СЕ** I سه шумораи миқдорӣ, ки баробари ду ҷамъи як ( 2+1) аст.

**СЕ** II سه *номи ҳарфи панҷуми алифбои арабии тоҷикӣ, ки дар ҳисоби абҷад ба 500 баробар аст.*

**СЕАНС** *фр.* سئانس ҳар давраи замоне, ки дар он як филм, як намоиш нишон дода мешавад.

**СЕАСПА** سه‌اسپه 1. ароба ё воситаи нақлиётии дигаре, ки ба он се асп баста шудааст. 2. *маҷ.* бо аҷала, шитобон.

**СЕБ** سیب 1. меваи хуштамъ ва хушбӯйи хушхӯр, ки навъҳои гуногун дорад. 2. дарахти ин мева; **себи занах** *киноя аз* ғабғабаи маҳбуба.

**СЕБАК** سیبک 1. себи хурд, себча. 2. порчаи гулӯлаи хамир ба андозаи як нон, зувола; **себак гирифтан** хамирро зувола кардан.

**СЕБАНД** سه‌بند *таър.* калтак, калтаки дароз, ки дар аморати Бухоро навкарони миршаб гирифта мегаштанд.

**СЕБАНДДОР** سه‌بنددار шабгардони ба даст себанд гирифта.

**СЕБАРА** سه بره себардор, он чи се бар дорад.

**СЕБАРГА** سه‌برگه *биол.* гиёҳест монанди юнучқа, вале пояи дароз надорад ва камбарг аст.

**СЕБАРГАЗОР** سه‌برگه‌زار ҷои анбӯҳии себарга.

**СЕБЗОР** سیب‌زار анбӯҳи дарахтони себ.

**СЕБӢ** سیبی аз себ тайёршуд: **мураббои себӣ**.

**СЕБҚОҚ** سیب‌قاق себи хушккарда; себе, ки бурида хушк мекунанд.

**СЕБОРА** سه‌باره сеюмбора; бори сеюм.

**СЕБОФА(К)** سه بافه//سه بافک як навъи мӯйбофӣ, ки муйро ба се қисм ҷудо карда мебофанд.

**СЕБУРҶА** سه‌برجه *ҳанд.* шакли ҳандасие, ки се кунҷ – зовия дорад.

**СЕБЧА** سیبچه 1. *ниг.* **себак**. 2. як навъ ҳалвое, ки ба шакли гулӯла – лӯнда сохта мешуд.

**СЕБЧИНӢ** سیبچینی *исми амал аз* **себ чидан**; чидани себ.

**СЕБЧОЙ** سیبچای чойе, ки аз себи реза буридашудаи хушк дам карда шудааст.

**СЕВАНЧӢ** سیونچی *гуфт.* мукофот ё ҳадя, ки ба овардани хабари хуш дода мешавад, мужда, муждагонӣ; **севанчӣ гирифтан** хабари хуше оварда аз касе подош дарёфт кардан.

**СЕВОҒАР** سیواغر *зоол.* парандаи хурди хокиранги синасурх аз ҷинси гунҷишк.

**СЕВОЛ** سیوال донача, қуббачаи хурду сахти бедарде, ки дар пӯсти бадан пайдо мешавад, озах.

**СЕГАЗА//СЕГАЗӢ** سه‌گزه//سه‌گزی он чи се газ дарзӣ дорад: **чӯбдасти чӯпонии сегаза**.

**СЕГОНА** سه‌گانه секаса; сеҷониба; сеқисма: **асари сегона**, **иттиҳоди сегона**.

**СЕГОНАГӢ** سه‌گانگی сегона будан, хусусияти сегона доштан.

**СЕГОҲ** سه‌گاه *мус.* яке аз мақомҳои таркибии Шашмақом.

**СЕГӮША** سه گوشه *ниг.* **секунҷа**.

**СЕДАНДОНА** سه‌دندانه дорои се дандон, дорои се дандона.

**СЕЗАБОНА** سه‌زبانه ба се забон таълифшуда: **луғати сезабона**.

**СЕЗАНА** سه‌زنه марди дорои се зан.

**СЕЗДАҲ** سزده шумораи миқдорӣ иборат аз 10 ҷамъи 3.

**СЕЗДАҲБОЛОР** سزده‌بالار хонае, ки сақфаш сездаҳ болор дорад (*фосилаи ҳар болор аз якдигар тақрибан 50 – 70 см мешавад*).

**СЕЗДАҲСОЛА** سزده‌ساله он ки аз умраш 13 сол пур шуда бошад.

**СЕЗДАҲСОЛАГӢ** سزده‌سالگی синни сездаҳсола; **дар сездаҳсолагӣ** ҳангоми сездаҳсола будан

**СЕЗДАҲУМ** سزدهم рақами тартибии 13.

**СЕЗДАҲУМИН** سزدهمین *ниг.* **сездаҳум**.

**СЕЗИЙ** *лот.* سیزیی моддаи химиявӣ, ки рақами тартибиаш дар ҷадвали даврӣ ба 55 баробар аст(Cs).

**СЕӢ** سه‌ئی вароқаи се холдор дар қарта.

**СЕЙМ** *пол.* سیم номи парламенти баъзе давлатҳо.

**СЕЙСМОГРАФ** *ю.* سیسما گرف *ниг.* **зилзиланигор**.

**СЕЙСМОГРАФИЯ** *ю.* سیسما گرفیه *ниг.* **зилзиланигорӣ**.

**СЕЙСМОЛОГ** *ю.* سیسمالاگ *ниг.* **зилзилашинос**.

**СЕЙСМОЛОГИЯ** *ю.* سیسمالاگیه *ниг.* **зилзилашиносӣ**.

**СЕЙУМ** سه یم *ниг.* **сеюм**.

**СЕЙУМИН** سه یمین *ниг.* **сеюмин**.

**СЕЙФ** *англ.* سیف сандуқи оҳании насӯзанда барои нигаҳ доштани пул ва ҳуҷҷатҳо, ганҷа, сандуқи носӯз.

**СЕКАРАТА** سه‌کرته *ниг.* **себора.**

**СЕКАРАТӢ** سه کرتی се бор-се бор, се-се.

**СЕКАСА//СЕКАСӢ** سه‌کسه//سه‌کسی иборат аз се нафар, сенафарӣ.

**СЕКИН** سکین *гуфт.* оҳиста, явош; бешитоб.

**СЕКУНҶА** سه‌کنجه *ҳанд.* шакле, ки аз се хати рости ҳамдигарро буранда иборат буда, се кунҷи дохилӣ ба вуҷуд меорад.

**СЕҚАБАТА** سه قبطه 1. он чи се қабат дорад: **бинои сеқабата**. 2. сеошёнадор; **андоваи сеқабата**.

**СЕҚИРРА** سه‌قره *ҳанд.* шакле ки се рӯ дорад.

**СЕЛ** سیل 1. ҷараёни оби борони бисёр ки ба сабаби боришҳои зиёди паёпай ва об шудани яххо бошиддат ва суръат ҷорӣ мешавад, селоб. 2. *маҷ.* он чи босуръат ва ба ҳеҷ монеа нигоҳ накарда ҷорӣ мешавад; **борони сел** борони сахтборанда; **сел задан** боридани борони сахт ва омадани сел; ◊ **сели ашк** ашкрезии бисёр.

**СЕЛА** سیله гурӯҳи парандагон: **селаи гунҷишкон, селаи зоғон, селаи кабӯтарон**.

**СЕЛБОР** سیلبار *ниг.* **сайлбор**.

**СЕЛБОРИШ** سیل‌بارش боронгарии сахт, борони сел.

**СЕЛБОРОН** سیله‌باران борони селосо, борони бошиддат.

**СЕЛВОР** سیلوار ҷоришаванда чун сел.

**СЕЛГОҲ** سیلگاه *ниг.* **сайлгоҳ**.

**СЕЛЕКСИОНЕР** *лот.* سلیکسئانیر мутахассиси соҳаи селексия.

**СЕЛЕКСИЯ** *лот.* سلیکسیه илми беҳтар гардонидани навъи растанӣ ё ҷинси ҳайвонот (чорпоён) ва ба вуҷуд овардани навъ ва ҷинсҳои нав бо роҳҳои сунъӣ.

**СЕЛИТРА** *лот.* سلیتره *хим.* моддаи мураккаб аз калий, натрий, аммоний, ки дар техникаи моддаҳои тарканда ва дар соҳаи кишоварзӣ барои қувватнок кардани хок ба кор меравад.

**СЕЛЛОИД** *лот.* سلاید моддаи сахти қаишу шаффоф, ки барои сохтани навор *ва г.* истифода мешавад.

**СЕЛЛОФАН** *лот.* سلافن навори шаффофи тунук, ки аз сабаби обногузар буданаш барои печонидани чизҳо истифода мешавад; *гуфт.* салафан.

**СЕЛЛОФАНӢ** سلافنی *мансуб ба* **селлофан**; аз селлофан сохташуда; **халтаҳои селлофанӣ**.

**СЕЛЛЮЛОЗА** *лот.* سلیولازه бофтаи пӯсти берунии ҳуҷайраи растаниҳо, ки аз он бо роҳи кимиёвӣ коғаз, селлофан, маводи тарканда *ва г.* тайёр мекунанд.

**СЕЛОБ** سیلاب 1. оби тезу тунд ҷоришавандаи борони сел. 2. *маҷ.* он чи бо суръату қувват ба ҳеҷ мамониат нигоҳ накарда зоҳир мешавад; **селоби хашм**, **селоби ғазаб**, **селоби ғам**.

**СЕЛОБА** سیل آبه *ниг.* **сел** 2.

**СЕЛОБКАНД** سیلاب‌کند *ниг.* **селроҳа**.

**СЕЛОВАРД** سیل‌آورد *ниг.* **сайловард**.

**СЕЛОН** سیلان 1. пӯлодиранг, хокистарранг. 2. шакли матои ҷилодори пӯлодранг.

**СЕЛРАФТОР** سیل رفتار *ниг.* **сайлрафтор**.

**СЕЛРОҲА** سیل‌راهه ҷараёнгоҳи сел, роҳе, ки сел ҷорӣ гашта хокро шуста бурдааст.

**СЕМАНТИКА** سیمنتکه *збш.* маънои калимаи алоҳида ва тарзи таркиб ёфтани он.

**СЕМАНТИКӢ** سیمنتکی *мансуб ба* **семантика**; маъно.

**СЕМАСИОЛОГИЯ** *ю.* سیمسیالاگیه *збш.* як соҳаи вожашиносӣ, ки дар бораи хусусияти маънои калимаҳо баҳс мекунад.

**СЕМАФОР** *ю.* سیمفار дастгоҳи сигналдиҳанда дар сари роҳҳо (*дар бораи баста ё кушода будани гузаргоҳ*).

**СЕМЕНТ** *олм.* سیمنت моддаи хокамонанди сохтмонӣ, ки вақти ба об омехтан хамири шуда барои рехтани бетон, чидани хишт *ва г.* истифода мешавад: **корхонаи семент**, **истеҳсоли семент**, **хамираи семент**.

**СЕМЕНТБАРОРӢ** سیمنت‌براری истеҳсол кардани семент.

**СЕМЕНТӢ** سیمنتی *мансуб ба* **семент**: **фарши сементӣ, зинаи сементӣ**.

**СЕМЕНТКАШ** سیمنت‌کش кашонандаи семент; **мошини сементкаш**.

**СЕМЕНТКОРӢ** سیمنت‌کاری андова кардан бо семент.

**СЕМЕНТПӮШ** سیمنت‌پوش бо семент пӯшидан; **нақбро сементпӯш кардан**.

**СЕМЕНТРЕЗӢ** سیمنت‌ریزی сементи шӯридаро ба ҷое рехташуда.

**СЕМЕСТР** *лот.* سیمستر муддати нимсолаи таҳсил дар мактабҳои олӣ.

**СЕМИНАР** *лот.* سمینر 1. машғулияти амалии гурӯҳи хонандагон таҳти роҳбарии муаллим дар мактабҳои олӣ. 2. машғулияти гурӯҳӣ барои боло бурдани савияи дониш.

**СЕМИОТИКА** *ю.* سیمیاتکه 1. маҷмӯи назарияҳои илмӣ, ки хосиятҳои гуногунро тадқиқ мекунад. 2. фасли ташхиси тиббӣ, ки аломатҳои касалиро меомӯзад

**СЕМИСРАЪГӢ** سه‌مصرعگی шеъре, ки ҳар як бандаш аз се мисраъ иборат бошад.

**СЕМОҲА** سه‌ماهه ҳар ки ё ҳар чи ки барои ба вуҷуд омаданаш се моҳ шуда бошад.

**СЕМОҲАГӢ** سه‌ماهگی *мансуб ба* **семоҳа**.

**СЕНАТ** *лот.* سنت 1. маҳкамаи олии мурофиавӣ – маъмурӣ дар Русияи подшоҳӣ. 2. палатаи олии қонунгузорӣ дар ИМА, Фаронса *ва г.*

**СЕНАТОР** سنتار узви сенат.

**СЕНЗДАҲ** سنزده *ниг.* **сездаҳ**.

**СЕНСУАЛИЗМ** سنسالیزم *фалс.* яке аз равияҳои фалсафӣ, ки ҳиссиётро ягона манбаи идрок медонад.

**СЕНТИМЕНТАЛИЗМ** *фр.* سنتمنتلیزم *адш.* яке аз равияҳои адабӣ, ки тасвири олами ботинии одами одӣ, тасвири рӯҳияро пеш меронад.

**СЕНТНЕР** *лот.* سنتنیر воҳиди андозаи вазн, баробар ба 100кг. (0,1 тонна).

**СЕНТРИФУГА** *олм.* سنترفوگه 1. дастгоҳест барои таҷзияи таркиби махлулҳо бо таъсири қувваи марказгурез. 2. иншоотест барои ба вуҷуд овардани вазнинии зарурӣ барои озмоиши асбобҳо ва санҷиши кайҳоннавардон.

**СЕНТЯБР** *лот.* سنتیبر моҳи нуҳуми солшумории милодӣ.

**СЕНУҚТА** سه‌نقطه аломати китобатист, ки барои муносиб надонистани давом додани фикр ва дигар маъноҳои дастурӣ хизмат мекунад.

**СЕОВОЗ** سه‌آواز мусиқӣ ё суруде, ки бо иштироки се асбоби мусиқӣ ё се овозхон иҷро мешавад.

**СЕОШЁНА** سه‌آشیانه сетабақа, биное, ки аз се табақа – ошёна иборат аст.

**СЕПАР** سه‌پر сепара, он чи се пара дорад; **хаданги сепар** тири сепара.

**СЕПАРА** سه‌پره сепарадор (*ниг.* **пара**).

**СЕПАРАТИЗМ** *лот.* سه‌پرتیزم *ниг.* **ҷудоиталабӣ**.

**СЕПАРАТОР** *лот.* سپرتار *тех.* дастгоҳ барои берун кашидани моддае аз таркиби чизе (*мас., маска аз шир*).

**СЕПОЯ** سه‌پایه ҳар чизи сешоха – поядоре, ки бо ҳар сеи онҳо бар замин устувор аст.

**СЕР** I سیر 1. он ки нав хӯрок хӯрда шикамаш пур аст ва майли хӯроххӯрӣ надорад; *муқоб.* **гурусна**. 2. *маҷ.* пур, саршор. 3. *ҷузъи пешини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* зиёд ва фаровон будани чизе: **серкор, серталаб, серғайрат, серташвиш, сероб** *ва г.*; **сер дидан** аз дидори касе хуб баҳраманд; **сер шудан** а) ба қадри пурии шикам таом хӯрдан, дигар майли хӯроххӯрӣ надоштан; б) *маҷ.* безор шудан, ба танг омадан аз чизе; **аз хоб сер шудан** мувофиқи табъ, чунон ки бояд хоб карда хестан, аз хоб қонеъ шудан.

**СЕР** II سیر *кҳн.* миқёси паймоиш, ки ҳар панҷ сер як пуд (16 кг) аст.

**СЕРАБР** سیرابر пурабр, пӯшида ба абр (*осмон*).

**СЕРАВЛОД** سیراولاد 1. серфарзанд. 2. сернасл (*нисбати инсон*).

**СЕРАВЛОДӢ** سیراولادی серфарзандӣ ва сернаслӣ.

**СЕРАВҶ** سیراوج 1. инкишофи тез ва пурҷӯш. 2. пурҷӯшу хурӯш ва тезу тунд (*мас., бозор*).

**СЕРАДАД** سیرعدد бисёр, зиёд; шумораи зиёд.

**СЕРАЗОБ** سیرعذاب он чи азобу меҳнати зиёд дорад.

**СЕРАЙБ** سیرعیب он ки ва он чи камбудӣ, норасоӣ нуқсону хатои зиёд дорад.

**СЕРАЛАФ** سیرعلف марғзоре, ки алафу гиёҳаш зиёд аст: **дашти сералаф**.

**СЕРАМАЛ** سیرعمل серкор, серҳаракат; фаъол.

**СЕРАМАЛӢ** سیرعملی серкорӣ, серҳаракатӣ; фаъол будан.

**СЕРАНГА** سه‌رنگه дорои се ранг (*мас., парчам*).

**СЕРАНДЕША** سیراندیشه фикру хаёли зиёд (дар сар) доштан; дар шубҳаву гумон ғарқ шудан.

**СЕРАРАҚ** سیرعرق он ки баданаш зуд арақ мекунад, бисёр араққунанда.

**СЕРАХА** سه‌رخه се хат дошта; серӯя.

**СЕРАҲА** سه‌رهه ҷои ҷудошавии се роҳ; ҷойе ки роҳ ба се тараф меравад.

**СЕРАҲАМИЯТ** سیراهمیت дорои аҳамияти калон: мавзӯи сераҳамият.

**СЕРАҲОЛӢ** سیراهالی ҷое, ки аҳолӣ – бошандаи зиёд дорад, пурнуфус, сернуфус, бисёраҳолӣ.

**СЕРБАР** سیربر 1. он чи бари зиёд дорад: **матои сербар**. 2. он чи вусъати калон дорад: **кӯчаи сербар, роҳи оҳани сербар**.

**СЕРБАРАКАТ** سیربرکت он чи фоидаи калон орад, зиёдшаванда, пурбаракат.

**СЕРБАРГ** سیربرگ дарахте, ки шохаю барги зиёд дорад: **тути сербарг**.

**СЕРБАРДОШТ** سیربرداشت *ниг.* **пурбардошт**.

**СЕРБАРӢ** سیربری бар ва паҳноии калон дошта.

**СЕРБАЧА** سیربچه *ниг.* **серфарзанд**.

**СЕРБАЧАГӢ** سيربچگى *ниг.* **серфарзандӣ**.

**СЕРБЕША** سيربيشه минтақаи серҷангал, макони сердарахт.

**СЕРБОР** سيربار 1. он чи бори зиёди гарон дорад, гаронбор: мошини сербор. 2. дарахте, ки меваи фаровон дорад.

**СЕРБОРИШ** سيربارش зиёдии боришот (борон, барф): **зимистони сербориш**.

**СЕРБОРИШӢ** سيربارشى бориши зиёди барф ё борон.

**СЕРБОРОН** سيرباران ҷое, ки бориши борон зиёд аст; мавсиме, ки борон зиёд меборад: **баҳори серборон**.

**СЕРБОРОНӢ** سيربارانى боронгарии зиёд.

**СЕРБОТЛОҚ** سيرباتلاق ботлоқзор, замине, ки ботлоқаш зиёд аст.

**СЕРБУТТА** سيربته буттазор, аз бутта пур.

**СЕРГАП** سيرگپ он ки зиёд гап мезанад; серҷоғ, пургӯй, лаққӣ (*аз сифатҳои манфӣ*).

**СЕРГАПӢ** سيرگپى амалу сифати сергап.

**СЕРГАШТУГУЗОР** سيرگشت‌وگذار ҷое, ки мардуми бисёр дар гаштугузор ва омадурафтанд.

**СЕРГИРЯ** سيرگريه кӯдаке, ки гиряи бисёр мекунад.

**СЕРГУЛБАРГ** سيرگل‌برگ гуле, ки барги гулаш бисёр аст (*мас., садбарг*).

**СЕРГУНҶОИШ** سيرگنجايش гунҷоиши калон дошта: **зарфи сергунҷоиш**.

**СЕРГӮШТ** سيرگوشت 1. хӯроке, ки гӯшти зиёд дорад: **оши сергӯшт**. 2. ғафс, фарбеҳ, бо танутӯш.

**СЕРГӮШТӢ** سيرگوشتى он ки ва он чи гушти бисёр дорад, фарбеҳӣ.

**СЕРҒАВҒО** سيرغوغا ҷое, ки ҳаёҳу зиёд аст, ҷое ки шӯру фарёд зиёд аст: **маҷлиси серғавғо, хонадони серғавғо**.

**СЕРҒАЙРАТ** سيرغيرت кӯшо, боҷидду ҷаҳд, фаъол: **ҷавони сарғайрат**.

**СЕРҒАЙРАТӢ** سيرغيرتى кӯшишу ҷидду ҷаҳд кардан.

**СЕРҒАЛЛА** سيرغله ҷой, минтақае, ки ғалла асоси хоҷагидориашро ташкил медиҳад: **кишвари серғалла**.

**СЕРҒАЛОҒУЛА** سيرغلاغله ҷои серодам ва ягон маърака, ки мардум он ҷо бо овози баланд сӯҳбат ва муносибат мекунанд (*мас., тӯй, бозор ва г.*).

**СЕРҒАМЗА** سيرغمزه *ниг.* **серишва**.

**СЕРҒИЗО** سرغذا хӯроке, ки ғизояш бисёр бошад.

**СЕРҒИЗОӢ** سيرغذاى ғизонокии баланд дошта.

**СЕРҒОР** سيرغار кӯҳ ё теппае, ки ғори бисёр дорад.

**СЕРҒУЛҒУЛА** سيرغلغله *ниг.* **серғалоғула**.

**СЕРҒУРБАТ** سيرغربت он ки бисёр ғурбат кунад.

**СЕРҒУРБАТӢ** سيرغربتى бисёр ғурбаткунанда.

**СЕРДАРАХТ** سيردرخت ҷое, ки дарахт зиёд дорад, дарахтзор: **ҷангали сердарахт**.

**СЕРДАРБЕҲ** سيردربه либосе, ки ямоқи зиёд дорад, либоси пур аз дарбеҳ.

**СЕРДАРДИСАР** سيردردسر коре, ки ташвиши зиёд дорад.

**СЕРДАРОМАД** سيردرامد ҷое ва коре, ки аз он даромад – фоидаи зиёд ба даст медарояд, даромаднок, сер фоида: **кори сердаромад**, **хоҷагии сердаромад**.

**СЕРДАСТЁР** سيردستيار он ки кӯмакгарони зиёд дорад (*дар оила, ҷои кор ва г.*) ёрдамчии бисёр доштан.

**СЕРДАЪВО** سيردعوا *ниг.* **сериддао**.

**СЕРДОШТ** سيرداشت *ниг.* **пурдошт**.

**СЕРДУД** سيردود бисёр дудкунанда: **мошини сердуд, хезуми сердуд**.

**СЕРЖАНТ** *фр.* سرژنت *ҳ.* унвони ҳайати хурди фармондеҳи дар артиш ва милитсия.

**СЕРЖАНТӢ** سرژنتى *марбут ба* **сержант**: **рутбаи сержантӣ**.

**СЕРЗАМИН** سيرزمين он ки ва ҷое, ки замини корами зиёд дорад: **хоҷагии серзамин**.

**СЕРЗАН** سيرزن марде, ки зани бисёр дорад.

**СЕРЗАНӢ** سيرزنى зани бисёр доштан; *муқ.* **бисёрзанӣ**.

**СЕРЗАҲ** سیرزه пурнам, сернам: **замини серзаҳ**.

**СЕРЗАҲМАТ** سیرزحمت меҳнату азоб ва ранҷи бисёр кашида.

**СЕРЗИЛЗИЛА** سیرزلزله зилзилахез, минтақаи зилзилахезии зиёд: **ноҳияҳои серзилзила**.

**СЕРЗИНА** سیرزینه дорои зинаҳои зиёд.

**СЕРИДДАО** سیرادعا даъвою иддаои зиёдкунанда; пур аз даъво: **мактуби сериддао**.

**СЕРИЛТИФОТ** سیرالطفات бо лутфу меҳрубонии фаровон, саршор аз лутфу меҳрубонӣ.

**СЕРИНОПАЗИР** سیری‌ناپذیر сернашуданӣ, носер: **нафси серинопазир**.

**СЕРИСТЕЪМОЛ** سیراستعمال он чи доираи истеъмол ва харидори зиёд дорад: **моли серистеъмол**, **бозори серистеъмол**.

**СЕРИШВА** سیرعشوه он ки нозу ишва ва карашмаи бисёр дорад (*оид ба* зан).

**СЕРӢ** سیری 1. пурии шикам, сер будан; дигар хӯрок нахостан; *муқоб.* **гушнагӣ**. 2. фаровонӣ, зиёдӣ, бисёрӣ; **серию пурӣ** фаровонӣ; **хуроки серӣ** хӯроки то сершавӣ хӯрдашуда; **рӯи серӣ надидан** доимо шикамносер будан, ҳамеша гушна будан; **серӣ надонистан** сер нашудан, сер набудан; пурхӯр будан, гушназада.

**СЕРКА** سیرکه бузи нари ахтакарда, ки пеш – пеши рама меравад.

**СЕРКАФК** سیرکفک пур аз кафк бо кафк зиёд (*кафки собун, айна, кафки рӯи деги шӯрбо ва м.ин*).

**СЕРКАШМАКАШ** سیر کشمکش он чи боиси баҳсу талош ва хархашаю норизогии бисёр шавад: **масъалаи серкашмакаш**.

**СЕРКОР** سیرکار 1. он ки машғулият – кори зиёд дорад, он ки доим андармони кор аст. 2. коре, ки анҷом доданаш меҳнати зиёд металабад.

**СЕРКОРӢ** سیرکاری кори зиёд доштан, ба корҳо андармон будан.

**СЕРКӮҲ** سیرکوه минтақаи кӯҳсор, кӯҳистон.

**СЕРҚАБАТА** سیر قبطه 1.қабати бисёр дошта; 2. бисёрошёна.

**СЕРҚИЛТИҚ** سیرقلتق **серсӯк** (*нисбати хӯшаи гандум ё ҷав гӯянд*); **хӯшаи серқилтиқ** хӯшаи серсӯк.

**СЕРҚИЛТИҚӢ** سیرقلتقی серсӯкӣ, хӯшаҳои бисёрқилтиқа.

**СЕРҚИР(Р)А** سرقره *ҳанд.* бисёррӯя.

**СЕРҚИР(Р)АГӢ** سیرقرگی бисёррӯягӣ.

**СЕРЛОЙ** سیرلای *ниг.* **пурлой**.

**СЕРМАҒАЛ** سیرمغل ҷое, ки шӯру ғавғо зиёд аст; ҷои пурҷанҷол ва пурташвиш, серғавғо.

**СЕРМАҒЗ** سیرمغز дарунпур, дорои мағзи пурра ва расидагӣ: **гандуми сермағз**.

**СЕРМАЗМУН** سیر مضمون баландмазмун.

**СЕРМАНАҲ** سیرمنه *ниг.* **сергап, лаққӣ**.

**СЕРМАСРИФ** سیرمصرف *ниг.* **серистеъмол**.

**СЕРМАҲСУЛ** سیرمحصول ҳосили зиёддиҳанда; **нависандаи сермаҳсул** нависандае, ки асари зиёд навиштааст.

**СЕРМАҲСУЛӢ** سیرمحصولی ҳосил ва фоидаи зиёддошта.

**СЕРМАШАҚҚАТ** سیرمشقت *ниг.* **пурмашаққат**.

**СЕРМАЪНО** سیرمعنا калимае, ки маъноҳои гуногун дорад: **калимаи сермаъно** (*збш.*).

**СЕРМАЪНОӢ** سیرمعنائی маъноҳои гуногун дошта: **сермаъноии калима** (*збш.*).

**СЕРМЕВА** سیرمیوه дарахте, ки меваи зиёд ба бор меорад, боғе ки меваааш зиёд аст.

**СЕРМЕВАГӢ** سیرمیوگی давра, сол ва ё фасле, ки дар он дарахтони мевадор ҳосили зиёд медиҳанд.

**СЕРМЕҲВАР** سیرمحور сертира.

**СЕРМЕҲНАТ** سیرمحنت коре, ки сарф шудани меҳнати зиёдеро металабад; серзаҳмат.

**СЕРМИЛЛАТ** سیرملت муташаккил аз миллатҳои гуногун; **кишвари сермиллат** мамлакате, ки дар он миллатҳои гуногун зиндагӣ мекунанд.

**СЕРМОЛ** سیرمال дорои молу мулки зиёд, сарватманд, соҳибмулк, бой.

**СЕРМОЛӢ** سیرمالی молу мулки зиёд доштан, сарватмандӣ.

**СЕРМОҲӢ** سیرماهی дорои моҳии зиёд: **дарёи**

**сермоҳӣ.**

**СЕРМОШИН** سیرماشین пур аз мошин, дорои мошини зиёд: **роҳи сермошин**.

**СЕРМУТОЛИА** سیرمطالعه он ки китоб, рӯзнома, маҷалла *ва г.* зиёд мехонад; касе ки доираи маълумоти васеъ дорад.

**СЕРМӮ(Й)** (سیرموی) 1.мӯи зиёд ва анбӯҳ доштан: **абрӯвони сермӯй**. 2.серпашм**.**

**СЕРНАҚШУНИГОР** سیرنقش‌ونگار бо нақшу нигор ва кандакорӣ ороёфта.

**СЕРНАМ** سیرنم ҷое, ки рутубат ва намиаш зиёд бошад.

**СЕРНАМАК** سیرنمک он чи дар таркиби худ зиёд намак дорад (*мас., хок*); шӯр.

**СЕРНАМӢ** سیرنمی намнокии бисёр дошта, пурнам.

**СЕРНАСЛ** سیرنسل дорои насли зиёд; серфарзанд.

**СЕРНАСЛӢ** سیرنسلی серфарзандӣ, насли зиёд доштан.

**СЕРНАШУДАНӢ** سیرنشدنی он ки ғизои бисёр хӯрад, аммо боз хӯрдан хоҳад, чашмгурусна, гурусначашм, ҳарис.

**СЕРНОЗ** سیرناز он ки нозу карашма ва дилрабоии зиёд дорад.

**СЕРНОЗУНУЗ** سیرنازونوز *ниг.* **серноз**.

**СЕРНОЛИШ** سیرنالش он ки доим шикоят дорад, ҳамеша норозӣ**.**

**СЕРНУҚТА** سیرنقطه дорои нуқтаи бисёр, бисёрнуқта.

**СЕРНУСХА** سیرنسخه он чи нусхаашро зиёд кардаанд: **рӯзномаи сернусха**.

**СЕРНУФУЗ** سیرنفوذ он чи таъсиру мудохилааш зиёд гашта бошад.

**СЕРНУФУС** سیرنفوس сераҳолӣ, пуродам: **маҳаллаи сернуфус**.

**СЕРОБ** سیرآب 1. он ки ва он чи, ки аз об сер шуда бошад. 2. ҷое, ки пуроб бошад. 3. *маҷ.* ҳар чизе, ки дар ҷое бисёр бошад; **имсол мева сероб** аст имсол соли фаровонҳосилист.

**СЕРОБӢ** سیرآبی фаровонии об (-и ҷорӣ, оби мева *ва г.*).

**СЕРОВОЗ** سیرآواز дар мусиқӣ овози бисёри бо ҳам ҷӯршудаи асбоб ва ҳунармандон.

**СЕРОВОЗӢ** سیرآوازی серовоз будан.

**СЕРОДАМ** سیرآدم зиёдии одамон дар ҷое; ҷамъомади серодам.

**СЕРОДАМӢ** سیرآدمی бисёрии одамон.

**СЕРОЖАНГ** سیرآژنگ рӯе, ки чину ожанги зиёд дорад.

**СЕРОЗАХ** سیرآزخ бадане, ки озахи бисёр дорад.

**СЕРОРОИШ** سیرآرایش чиз ё ҷое, ки зебу оро дода шуда бошад.

**СЕРОРОИШӢ** سیرآرایشی зебу зинати бисёрдошта.

**СЕРОФТОБ** سیرآفتاب ҷои офтобӣ, минтақае, ки ҳавояш соф ва гарму офтобист.

**СЕРОҲА** سه‌راهه 1. сари се роҳ. 2. секарата, се бор гаштаву баргашта.

**СЕРОҶИНГ** سیرآجنگ *ниг.* **серожанг**.

**СЕРОШЁН//СЕРОШЁНА** سیرآشیان//سیرآشیانه бинои чандошёнадор, бисёрошёна.

**СЕРОШӮБ** سیرآشوب серғавғо, нооршом, пурталотум (*мас., баҳр*).

**СЕРПАЙ** سیرپی нисбати бадан ё гӯште гӯянд, ки рагу пайяш бисёр аст.

**СЕРПАХТА** سیرپخته пахтааш зиёд, қабати пахтагиаш ғафс: **кӯрпаи серпахта, ҷомаи серпахта**.

**СЕРПАҲЛУ** سیرپهلو одами ғафси тануманд.

**СЕРПАШМ** سیرپشم пашми баданаш зиёд ва ғулӣ: **гӯсфанди серпашм**.

**СЕРПАШМӢ** سیرپشمی серпашм будан, пашми зиёд доштан.

**СЕРПУЛ** سیرپول пулдор; давлатманд.

**СЕРПУЛӢ** سیرپولی пули зиёд доштан**.**

**СЕРРАВҒАН** سیرروغن равғандор, равғани зиёд: **оши серравған**, **шӯрбои серравған**.

**СЕРРАВҒАНӢ** سیرروغنی хосияту аломати он чи равғани бисёр дорад**.**

**СЕРРАНГ** سیررنگ он чи барои оро доданаш

ранги зиёд ба кор бурда шудааст.

**СЕРРАНГУБОР** سیررنگ‌وبار *ниг.* **серранг**.

**СЕРРАФТУОЙ** سیررفت‌وآی *ниг.* **серрафтуомад**.

**СЕРРАФТУОМАД** سیررفت‌وآمد ҷое, ки ояндаю равандааш зиёд аст; роҳе, ки дар он рафтуомад (ҳаракат) зиёд аст.

**СЕРРАХА** سیررخه дафтар ё вараќе, ки рахи бисёр дорад.

**СЕРРАХӢ** سیررخی дорои рахи бисёр буда.

**СЕРРЕША** سیرریشه дорои решаи зиёд (*дарахт*).

**СЕРРИШ** سیرریش он ки риши зиёд дорад.

**СЕРСАБЗА** سیرسبزه ҷои сабзаву гиёҳаш зиёд, сабзазор: **майдони серсабза**.

**СЕРСАБЗӢ** سیرسبزی хӯроке, ки сабзии зиёд дорад: **оши серсабзӣ**.

**СЕРСАМАРА** سیرثمره ҳосили зиёд оваранда; фойдаовар.

**СЕРСАНГ** سیرسنگ ҷои сангаш зиёд: **замини серсанг**, **роҳи серсанг**.

**СЕРСАФЕДА** سیرسفیده ғизое, ки дар таркибаш сафеда зиёд аст.

**СЕРСОҲА** سیرساحه хоҷагие, ки соҳаҳои зиёде дорад.

**СЕРСОЯ** سیرسایه ҷои сердарахте, ки офтобро пӯшонда, ҳама ҷоро соя мекунад.

**СЕРСӮРОХ** سیرسوراخ он чи сӯрохаш бисёр бошад.

**СЕРТАКАЛЛУФ** سیرتکلف он ки нозунузи зиёд дорад.

**СЕРТАКАЛЛУФӢ** سیرتکلفی муроoти барзиёд-дошта.

**СЕРТАЛАБ** سیرطلب 1. он чи толиб – харидори зиёд дорад; (*мас., мол*). 2. сахтгир: **сардори серталаб.**

**СЕРТАЛАБӢ** سیرطلبی амалу сифати серталаб.

**СЕРТАМАЪ** سیرطمع он ки доимо барои ба даст даровардани чизи бисёр саъйу талош дорад.

**СЕРТАРАДДУД** سیرتردد *гуфт.* серҳаракат, сердавуғеҷ; беором: **камкори сертараддуд**.

**СЕРТАРАДДУДӢ** سیرترددی серҳаракатӣ, нооромӣ.

**СЕРТАРАФА** سیرطرفه он чи ки тараф, ҷониб ва паҳлуи бисёр дорад.

**СЕРТАРКИБ(А)** سیرترکیب// سیرترکیبه он чи ки аз ҷузъҳои гуногуни зиёд таркиб ёфтааст.

**СЕРТАРҚИШ** سیرترقش он чи шикофӣ ва кафидаҳои бисёр дорад.

**СЕРТАҶРИБА** سیرتجربه соҳибтаҷриба, таҷрибадида, кордида.

**СЕРТАҶРИБАГӢ** سیرتجربگی таҷрибаи бой дошта, соҳибтаҷрибагӣ.

**СЕРТАШАББУС** سیرتشبس ташаббускори сахт, он ки аз худ ибтикор нишон медиҳад.

**СЕРТАШВИШ** سیرتشویش коре, ки давуғеҷ ва заҳмату дахмасааш зиёд аст.

**СЕРТЕППА** سیرتپه минтақае, ки дорои тепа ва пуштаи бисёр аст.

**СЕРТЕЪДОД** سیرتعداد китоб ва рӯзномае, ки адади нашраш зиёд аст.

**СЕРТОР** سیرتار он чи тору сими бисёр дорад, *мас.* рубоби сертора.

**СЕРТУХМ** سیرتخم нисбати ҳайвонот, ҳашарот ва набототе гӯянд, ки тухми бисёр мегузоранд.

**СЕРУКНА** سه‌رکنه дар арӯз шеърреро гӯянд, ки ҳар як мисрааш ба се қисм тақтеъ шавад.

**СЕРУН** سیرون ҳавои мӯътадил, на гарму на сард ва форам, салқин.

**СЕРУНӢ** سیرونی салқинӣ.

**СЕРӮЗА** سیروزه он ки ва он чи ки барои ба вуҷуд омаданаш се рӯз шуда бошад.

**СЕРӮЗАГӢ** سه‌روزگی се рӯз шуда; рӯзи сеюм: **дар серӯзагӣ**.

**СЕРӮЯ** سه‌رویه *ҳанд.* шакле ки се рӯй дорад, сераха, дорои се қирра.

**СЕРФАРЗАНД** سیرفرزند он ки фарзанди зиёд дорад, дорои фарзандони бисёр.

**СЕРФАРЗАНДӢ** سیرفرزندی фарзанди бисёр доштан.

**СЕРФОИДА** سیرفایده сердаромад, даромаднок.

**СЕРХАРИД** سیرخرید он чи ки харидораш бисёр аст.

**СЕРХАРИДОР** سیرخریدار *ниг.* **серхарид**.

**СЕРХАРОҶОТ** سیرخراجات дорои харҷи зиёд, пурхарҷ.

**СЕРХАРҶ** سیرخرج *ниг.* **серхароҷот**.

**СЕРХОБ** سیرخاب он ки зиёд хоб мекунад, он ки хобаш зиёд аст, хоболуд.

**СЕРХОБӢ** سیرخابی бисёр хоб кардан, пурхобӣ.

**СЕРХОК** سیرخاک замине ки сангу шағалаш камтар ва хокаш бисёр аст.

**СЕРХОКИСТАР** سیرخاکستر ҳезуме, ки баъди сӯхтани он хокистари зиёд боқӣ монад.

**СЕРХОНА** سیرخانه ҳавлӣ ё манзиле, ки хона (ӯтоқ)-и зиёд дорад.

**СЕРХУН** سیرخون ҳар чизи зинда, ки дар баданаш хуни зиёд дошта бошад.

**СЕРХУНӢ** سیرخونی зиёд будани хун дар бадан.

**СЕРХӮША** سیرخوشه ҳар чизи хӯшадор, ки хӯшааш бисёр аст.

**СЕРҲАВАС** سیرهوس он ки орзую ҳаваси бисёре дорад.

**СЕРҲАВСАЛА** سیرحوصله он ки кореро бо сабру тоқат, бо меҳр, баҷо меорад, пуртоқат (*дар иҷрои коре*).

**СЕРҲАРАКАТ** سیرحرکت 1. ҷое, ки дар он рафтуой ва ҷунбуҷӯл зиёд аст (*роҳ, кӯча*). 2. касе, ки ҷунбуҷӯли зиёд дорад; чуст, чобук, зудкор, тезрафтор ва фаъол.

**СЕРҲАРАКАТӢ** سیرحرکتی доим дар ҳаракат будан, тезрафторӣ, чобукӣ, чаққонӣ.

**СЕРҲИҶО** سیرهجا калимае, ки аз ҳиҷоҳои зиёд таркиб ёфтааст.

**СЕРҲИҶОӢ** سیرهجائی хосияти калима.

**СЕРҲОСИЛ** سیرحاصل 1. зиёд маҳсулдиҳанда. 2. *маҷ.* он чи аз он натиҷаи маълуме ба даст медарояд: **замини серҳосил**, **меҳнати серҳосил**.

**СЕРҲОСИЛӢ** سیرحاصلی хосияту аломати ҳар чизи ҳосилдиҳанда.

**СЕРҲУҶАЙРА** سیرهجیره таркиби бофтаҳо, ки аз ҳуҷайраҳои бисёр иборат бошад.

**СЕРЧИМ** سیرچیم чимдор, чимтол: **замини серчим**.

**СЕРҶАБҲА** سیرجبهه серпаҳлу, дорои ҷабҳаҳои бисёр, гуногунҷабҳа.

**СЕРҶАНГАЛ** سیرجنگل минтақае, ки ҷангали бисёр дорад, пурҷангал, ҷангалдор.

**СЕРҶАНҶОЛ** سیرجنجال он ки ё он чи ташвишу дахмасаи зиёд дорад, пурҷанҷол.

**СЕРҶОҒ** سیرجاغ сергап, лаққӣ, пургӯй.

**СЕРҶОҒӢ** سیرجاغی сергапӣ, пургӯйӣ.

**СЕРҶУНБУҶӮЛ** سیرجنبوجول *ниг.* **серҳаракат**.

**СЕРШАВӢ** سیرشوی истеъмоли ғизо ба таври кифоя, сер шудан, қонеъ шудани нафс.

**СЕРШАҒАЛ** سیرشغل замине, ки хокаш бо сангреза махлут аст.

**СЕРШАКЛ** سیرشکل ҳар он чи намудҳои гуногун дорад, гуногуншакл.

**СЕРШАКЛӢ** سیرشکلی шаклҳои зиёди гуногун доштан, гуногуншаклӣ.

**СЕРШАМОЛ** سیرشمال 1. шамолрав, бодраҳа. 2. пуршамол: **рӯзи сершамол**.

**СЕРШАҲВАТ** سیرشهوت он ки зуд-зуд майли ҷуфтшавӣ дорад.

**СЕРШИЛМ** سیرشلم дарахте, ки шилми зиёд хориҷ кунад, бисёршилм.

**СЕРШИЛМӢ** سیرشلمی шилми бисёрдошта, бисёршилмӣ.

**СЕРШИР** سیرشیر чорпое, ки шир зиёд дорад (*гов, буз ва г.*).

**СЕРШИРА** سیرشیره нисбат ба мева, хӯрок *ва г.* гӯянд, ки шираи зиёд дорад.

**СЕРШИРӢ** سیرشیری шири зиёд дошта, дорои шири фаровон будани мол.

**СЕРШОХ** سیرشاخ дарахте, ки шоху барги зиёд дорад.

**СЕРШУМОР(А)** سیرشمار(ه) ададан зиёд, бо шумораи бисёр.

**СЕРЯМОҚ** سیریماق *ниг.* **сердарбеҳ**.

**СЕРЯХ** سیریخ минтақае, ки бо ях пӯшонда шудааст, минтақае, ки яхи зиёд дорад.

**СЕСАД** سه صد шумораи миқдории адади 300, се-то сад.

**СЕСАДУМ** سه صدم шумораи тартибии 300.

**СЕСАДУМИН** سه صدمین *ниг.* **сесадум**.

**СЕСОАТА** سه ساعته амале, ки иҷрошавиаш се соат тӯл мекашад.

**СЕСОАТИНА** سه ساعتینه *ниг.* **сесоата**.

**СЕСОЛА** سه ساله 1. он ки ва он чи ки ба арзи вуҷуд карданаш се сол шуд. 2. муддати замон барои ба иҷро расидани коре: **кори сесола**.

**СЕСОЛАГӢ** سه سالگی се сол дошта; синни сесола: **дар сесолагӣ**.

**СЕСӮ** سه سو сепаҳлу, секунҷа, сегӯша, мусаллас, яке аз шаклҳои ҳандасӣ, ки се гӯша дорад.

**СЕТАБАҚА** سه طبقه *ниг.* **сеқабата**.

**СЕТАЛОҚА** سه طلاقه талоқи ниҳоӣ нисбат ба зан; зане, ки аз тарафи шавҳараш се талоқ гирифтааст.

**СЕТАРАФА** سه‌طرفه аз се ҷониб, бо ширкати се ҷониб: **шартномаи сетарафа**.

**СЕТИРА** I سه‌تیره камоне, ки дар тирдонаш се тир ҷой мегирад: **камони сетира**.

**СЕТИРА** II سه‌تیره дорои се меҳвар: **мошини боркаши сетира**.

**СЕТОГӢ** سه تاگی сето-сето, се-се.

**СЕТОӢ** سه تائی *ниг.* **сетогӣ**.

**СЕТОР** سه‌تار *мус.* олати тории мусиқӣ аз қабили танбӯр, ки се тор дорад.

**СЕТОРӢ** سه‌تاری он ки сетор менавозад, сеторнавоз.

**СЕТӮ** سه‌تو *кит.* сеқабат; себаробар, сечанд.

**СЕУЗВА** سه‌عضوه *риёз.* **муодилаи сеузва**.

**СЕФАЗА** سه‌فزه *физ.* хати интиқоли қувваи барқ, ки се ноқили асосии барқӣ дорад: **пайвасти сефаза**.

**СЕҲАЗОРӢ** سه‌هزاری 1. *таър.* фармондеҳи лашкари сеҳазорнафара. 2. се ҳазор–се ҳазор ҷудо кардани чизе, ҳар се ҳазор.

**СЕҲР** I *а.* سحر 1. афсун, ҷоду. 2. *маҷ.* кори хориқулода; **сеҳри сухан** сухани зебо ва диловез; сухани ҷозибадори ҳаяҷонбахш.

**СЕҲР** II سهر гов, бақар.

**СЕҲРА** سهره тоҷе аз тилло ва ҷавоҳирот, ки дар ҷашни арӯсӣ (дар Ҳиндустон) ба сари арӯсу домод мегузоранд.

**СЕҲРАНГЕЗ** سحرانگیز *маҷ.* ҷозибадор, мафтункунанда; дилрабо: **шеъри сеҳрангез**, **чашми сеҳрангез**.

**СЕҲРАБОЗ** سحرباز *ниг.* **соҳир**, **ҷодугар**.

**СЕҲРАБОЗӢ** سحربازی *ниг.* **ҷодугарӣ**.

**СЕҲРБАНД** سحربند он ки сеҳру ҷодуро бартараф мекунад, фолбин.

**СЕҲРБОФ** سحرباف сеҳркунанда.

**СЕҲРГАР** سحرگر ҷодугар, соҳир, афсункунанда.

**СЕҲРГАРӢ** سحرگری соҳирӣ, ҷодугарӣ.

**СЕҲРЗАДА** سحرزده он ки сеҳру ҷоду шудааст.

**СЕҲРИҶ** *а.* صهریج обанбор, бирка.

**СЕҲРИЯТ** *а.* صهریت қаробат, хешигарӣ.

**СЕҲРКИРДОР** سحرکردار фусункор ва муассир, мафтункунанда, ҳайратовар, мӯъҷизакор.

**СЕҲРКОР** سحرکار 1. сеҳркунанда, ҷодугар. 2. *маҷ.* корнамоӣ нишондиҳанда дар сухан, он ки суханаш баланд ва ҳайратовар аст.

**СЕҲРКОРӢ** سحرکاری *ниг.* **соҳирӣ**.

**СЕҲРНАМО** سحرنما он ки сеҳру ҷоду нишон медиҳад, соҳир, ҷодугар.

**СЕҲРНИГОР** سحرنگار муассир, афсункунанда, муъҷизаофар: **қалами сеҳрнигор**.

**СЕҲРОФАРИН** سحرآفرین офаринандаи сеҳр, сеҳргар, ҷодугар; ғамзаи сеҳрофарин нозу ишваи мафтункунанда.

**СЕҲРСОЗ** سحرساز 1. сеҳркунанда, соҳир, ҷодугар. 2. *маҷ.* мафтункунанда. 3. *маҷ.* гӯяндаи шеърҳои мавзун ва баландмазмун.

**СЕҲРУЛБАЁН** *а.* سحرالبیان сухангӯи тасхиркунанда, ҷаззоб.

**СЕЧАНД** سه چند се баробар, се маротиба.

**СЕЧАНДӢ** سه چندی себаробарӣ.

**СЕЧАРХА** سه چرخه воситаи нақлиёт, ки се чарх (ғилдирак) дорад.

**СЕҶ //СЕЧ** سیج//سیچ муҳайё, омода тайёр.

**СЕҶОЯ** سه جایه дорои се ҷой, якбора дар се ҷой.

**СЕШАНБЕ** سه‌شنبه номи рӯзи чоруми ҳафта (баъд аз душанбе) дар ҳисоби кӯҳна ва номи рӯзи дуюми ҳафта дар ҳисоби имрӯза.

**СЕШАНБЕГӢ** سه‌شنبگی *таър.* номи яке аз тудаҳои сарбозон дар аморати Бухоро.

**СЕШОХА** سه‌شاخه чӯб ё оҳани сешохдори дастадор аст, ки бо он вақти хирманкӯбӣ коҳро такурӯ мекунанд.

**СЕЮМ** سه‌یم рақами тартибӣ аз се.

**СЕЮМИН** سه‌یمین ифодакунандаи тартиби сеюм.

**СЕЯК** سه‌یک аз се яке ҳиссаи чизе.

**СЕЯКӢ** سه یکی сеяк-сеяк.

**СИБҒАТ** *а.* صبغت 1. ранг. 2. дин, тариқат; **сибғатул-лоҳ** роҳи Худо, дини ҳақ.

**СИБЁН** *а.* صبیان *ҷ.* **сабӣ**.

**СИБИЛ** *а.* سبیل *кит., ниг.* **мӯйлаб**.

**СИБҚАТ** *а.* سبقت *ниг.* **сабқат**.

**СИБЛАТ** *а.* سبلت *ниг.* **саблат**.

**СИБО** *а.* صبا//صبی *кит.* кӯдакӣ, бачагӣ; **ҳангоми сибо** даврони бачагӣ.

**СИБОЛ** *а.* سبال *ҷ.* **саблат//сиблат**.

**СИБОЪ** سباع *ҷ.* **сабъ**; дарандагон, ҷонварони даранда.

**СИВО** سوا ғайр, дигар; **сивои…** ба ғайри…, ба ғайр аз…

**СИВОР** *а.* سوار дастбанд, дастпона.

**СИГАРЕТ** *фр.* سیگریت *ниг.* **сигор**.

**СИГЗӢ** سگزی *ниг.* **сагзӣ**.

**СИГНАЛ** سگنل 1. аломати шартӣ барои ба масофаи дур расонидани хабар ё маълумоте. 2. огоҳӣ, пешакӣ огоҳонидан дар бораи имкони рӯй додани ҳодисае; **сигнал додан** огоҳонидан.

**СИГНАЛДИҲАНДА** سگنل‌دهنده он чи сигнал медиҳад.

**СИГНАЛДИҲӢ** سگنل‌دهی сигнал додан, огоҳ кардан.

**СИГОЛ** سگال *кит.* 1. фикр, андеша, ният. 2. фикр ва қасди бад.

**СИГОЛИДАН** سگالیدن 1. фикр кардан, андешидан; машварат кардан. 2. чора ҷустан.

**СИГОЛИШ** سگالش андешидан дар бораи чизе; машварат, чораҷӯй.

**СИГОЛИШГАРӢ** سگالش‌گری фикру мулоҳиза кардан; машварат ва маслиҳат кардан.

**СИГОР** *фр.* سیگار барги сахт печонда лӯла кардашудаи тамоку барои кашидан.

**СИГОРӢ** سیگاری *ниг.* **сигоркаш**.

**СИГОРКАШ** سیگارکش он ки сигор кашад.

**СИГОРКАШӢ** سیگارکشی амали сигоркаш.

**СИГОРФУРӮШ** سیگارفروش он ки сигор фурӯшад.

**СИГОРФУРӮШӢ** سیگارفروشی 1. амали сигорфурӯш. 2. ҷои фурӯши сигор, дукони сигорфурӯшӣ.

**СИГУСТАН//СУГУСТАН** سیگوستن//سگوستن гусастан, пора шудан.

**СИҒА** *а.* صیغه *збш.* муносибати амал нисбат ба воқеият, ки аз тарафи гӯянда баён карда мешавад; **сиғаи хабарӣ; сиғаи шартӣ – хоҳишмандӣ; сиғаи амрӣ; сиғаи эҳтимолӣ**…

**СИҒАР** *а.* صغر *кит.* хурдӣ; кӯдакӣ: **сиғари син** хурдсолӣ.

**СИҒОР** صغار *ҷ.* **сағир; сиғору кибор** хурдону бузургон; ҳама.

**СИДДИҚ** *а.* صدیق 1. марди бисёр ростгӯй, садоқатманд. 2. *д.* боваркунанда, имон оваранда ба Худо, он ки ба Худо садоқат дорад. 3. лақаби Юсуф – писари Яъқуб. 4. лақаби Абӯбакр – халифаи якуми Муҳаммад пайғамбар (с).

**СИДИРК** سدرک *зоол.* навъе аз ҷинси растаниҳои лӯбиёӣ.

**СИДҚ** *а.* صدق 1. ростӣ, садоқат, тандурустӣ. 2. самимият, ихлос; **аз сидқи дил** аз самими дил, аз тахти дил; **сидқу вафо** садоқат ва вафо-

дорӣ.

**СИДҚӢ** صدقی аз рӯи садоқат, самимӣ, аз таҳти дил; **кореро сидқӣ ба ҷо овардан** кореро самимона аз таҳти дил ба ҷо овардан.

**СИДОҚ** *а.* صداق *ниг.* **садоқ**.

**СИДРА** *а.* سدره *кит.* дарахти сӯзанбарги ба коҷ монанд, вале аз коҷ танумандтар.

**СИЁДАТ//САЁДАТ** سیادت *кит.* сарварӣ, пешвоӣ хоҷа будан.

**СИЁҚ** *а.* سیاق 1. тартиб, тарзу равиши чизе; **ба (бар) ин сиёқ**. 2. афту башара, шаклу шамоил.

**СИЁҚАТ** *а.* سیاقت 1. рондан(-и сухан), адо, баён. 2. тартиб, қоида; тарз ва равиш.

**СИЁМ** *а.* صیام *ниг.* **савм**; **айёми сиём** моҳи рӯза.

**СИЁН** سیان *кит., бот.* ашақа, ошиқпечон, ишқандарпечон.

**СИЁНАТ** صیانت *кит.* муҳофизат, нигаҳбонӣ, мудофиа.

**СИЁР** سیار кашк, кашки соида; оши кашк, қурутоба.

**СИЁСАТ** *а.* سیاست 1. фаъолияти давлат, ягон ҳизб ё гурӯҳи ҷамъиятӣ дар корҳои дохилӣ ё муносибатҳои хориҷӣ: **сиёсати дохилӣ**, **сиёсати нави иқтисодӣ**, **сиёсати миллӣ**, **сиёсати хориҷӣ**. 2. идора кардани халқ ва мамлакат; тарзи идоракунӣ, кордорӣ. 3. дӯғу пӯписа, тарсондан ва сахтгирӣ; **сиёсат кардан** сахтгирона рафтор кардан бо мақсади тарсонидан, ҷазо дидан.

**СИЁСАТБОЗ** سیاست‌باز *маҷ.* одаме, ки аз рӯи манфиати ҷузъӣ ва шахсии худ кор мебарад.

**СИЁСАТБОЗӢ** سیاست‌بازی амали сиёсатбоз.

**СИЁСАТБОФ** سیاست‌باف он ки худро сиёсатдон ба қалам медиҳад ва ҳар корро ба сиёсат дахлдор менамояд.

**СИЁСАТГОҲ** سیاست‌گاه ҷои ҷазо, майдони ҷазо.

**СИЁСАТДОН** سیاست‌دان он ки аз сиёсат бохабар аст; касе, ки дар корҳои сиёсӣ ва мамлакатдорӣ омил аст.

**СИЁСАТМАДОР** سیاستمدار аҳли сиёсат, алоқаманд ба корхои сиёсӣ.

**СИЁСАТМАДОРӢ** سیاستمداری сиёсатмадор будан.

**СИЁСАТМАДОРОНА** سیاستمدارانه ба мисли сиёсатмадор.

**СИЁСАТНОК** سیاستناک ҷиддии ҳавлнок, бимнок, босалобат.

**СИЁСАТШИНОС** سیاست‌شناس он ки ба омӯзишу пажӯҳиши сиёсат машғул аст.

**СИЁСАТШИНОСӢ** سیاست‌شناسی илми сиёсат.

**СИЁСИГАРДОНӢ** سیاسی‌گردانی сиёсат ҷорӣ кардан.

**СИЁСӢ** سیاسی *мансуб ба* **сиёсат**; дахлдор ба сиёсат: **адабиёти сиёсӣ**, **саводи сиёсӣ**, **шӯъбаи сиёсӣ**, **гумоштаи сиёсӣ**, **шореҳи сиёсӣ**.

**СИЁҲ** I سیاه 1. ҳар он чи ба ранги ангишт бошад; *муқоб.* **сафед**. 2. торик, тира; *муқоб.* **равшан**. 3. одами сиёҳпӯст; **абри сиёҳ** абри бороновар; **зоғи сиёҳ** ҷинси маълуми акка; **кори (меҳнати) сиёҳ** кори меҳнатталаби ҷисмонӣ, кори коргари бетахассус; **моли сиёҳ** барзагов ва гови калони шохдор; **пули сиёҳ** сиккаи мисӣ, пули майдаи камқимат; **равғани сиёҳ** мазут; **рӯзи сиёҳ** рӯзи бадбахтӣ ва фалокат, рӯзи пур кулфату андӯҳ, умуман азоб, машаққат, бадбахтӣ, тангдастӣ; **зари сурхам ба рӯзи сиёҳам** (*зарб.*); **тахтаи сиёҳ** а) тахтаи хатнависӣ дар синф; б) тахтае ки номи қафомондагони кор навишта мешавад. **хати сиёҳ** хате, ки хабари марг ё кушта шудани касеро (*хусусан дар ҷанг*) мерасонад, хати мотам; **чароғи сиёҳ** чароғи пилтасӯз, ҷинчароғ; **дил сиёҳ будан** а) бадхоҳ, бадандеш будан; б) хафа ва дилгир будан; **дили** *касеро* **сиёҳ кардан** ба касе хабари нохуше расонда, ё гапи ноҷӯре зада ӯро дилгир кардан; **як пули сиёҳ надоштан** ҳеҷ пул надоштан; **сиёҳ задан(чашм)** якбора чизеро дида натавонистан; **чашм сиёҳ рафтан** пеши чашм тираву тор шадан; **рӯ сиёҳ шудан** шарманда ва бадмон шудан; **сиёҳ кардан** а) бо ранги сиёҳ ранг додан; ба сиёҳӣ олонидан; б) айбдор кардан, бадном кардан; **сиёҳ пӯшидан** мотам гирифтан.

**СИЁҲ** II *а.* صیاح 1. бонг, ҷеғ, фарёд, овози баланд. 2. бонги хурӯс.

**СИЁҲ** III سیاه зангӣ, сиёҳпӯст.

**СИЁҲАБРӮ** سیاه‌ابرو он ки абрӯи сиёҳ дорад.

**СИЁҲАК** سیاهک *бот.* офати киштҳои ғалладонагӣ (гандум ва ҷав), ки мағзи он ба гарди сиёҳ мубаддал мешавад.

**СИЁҲАКДОР** سیاهکدار ғаллае, ки омехта бо сиёҳак мебошад.

**СИЁҲАЛАФ** سیاه‌علف *бот.* навъе аз алафи кӯҳии баргаш ба барги пиёз монанд, ки баҳорон аз он таоми ҷурғотӣ мепазанд ё ба таом андохта мехӯранд.

**СИЁҲАЛО** سیاه‌علا сиёҳу сафед, омехта (*ранги пӯсти асп, гов ва г.*), алобуло, песа.

**СИЁҲАНДОМ** سیاه‌اندام сиёҳчеҳра, сиёҳбадан.

**СИЁҲАХТАР** سیاه‌اختر бетолеъ, бадбахт, ноком, номурод.

**СИЁҲБАДАН** سیاه‌بدن *ниг.* **сиёҳандом**.

**СИЁҲБАНД** سیاه‌بند 1. фиребгар, маккор, сиёҳкор. 2. ёр (*дар бозии қимор*).

**СИЁҲБАХТ** سیاه‌بخت бадбахт, бетолеъ, тира-рӯзгор.

**СИЁҲБАХТӢ** سیاه‌بختی бадбахтӣ, бетолеӣ.

**СИЁҲБЕД** سیاه‌بید беди танасиёҳ, ки чӯби сахт дорад.

**СИЁҲБОД** سیاه‌باد боди тӯфонхез.

**СИЁҲБОЛ** سیاه‌بال парандае, ки пару болаш сиёҳ бошад.

**СИЁҲБОТИН** سیاه‌باطن *ниг.* **сиёҳдил**.

**СИЁҲБУРД** سیاه‌برد сиёҳлибос.

**СИЁҲБУРУТ** سیاه‌بروت он ки мӯйлаби сиёҳ дорад.

**СИЁҲГИЛЕМ** سیاه‌گلیم *кит.* сиёҳбахт, ноком, номурод.

**СИЁҲГУН(А)** سیاه‌گون//سیاه‌گونه сиёҳранг; сиёҳпӯст.

**СИЁҲГӮШ** سیاه‌گوش 1. *зоол.* ҷонварест даранда аз ҷинси гурба, ки чашми хеле тезбин дорад. 2. *бот.* гули аввали баҳор.

**СИЁҲДАРУН** سیاه‌درون *ниг.* **сиёҳдил**.

**СИЁҲДИЛ** سیاه‌دل бадсират, бадният, бадгумон; *муқоб.* **софдил**.

**СИЁҲДИЛӢ** سیاه‌دلی бадтинатӣ, бадният будан.

**СИЁҲДОНА** سیاه‌دانه донаест аз арзани калонтари сиёҳ, ки ба рӯи нон мепошанд.

**СИЁҲДУК** سیاه‌دوک танбал, коҳил, ноӯҳдабаро.

**СИЁҲЗАМИН** سیاه‌زمین хоки ҳосилхези сиёҳранг, ки моддаҳои ба кишт ғизодеҳи зиёд дорад.

**СИЁҲЗУЛФ** سیاه‌زلف он ки зулфи сиёҳ дорад.

**СИЁҲИДОН** سیاهی‌دان зарфи хурд барои сиёҳӣ – ранги хатнависӣ, давот.

**СИЁҲӢ** سیاهی 1. дорои ранги сиёҳ будан; муқоб. **сафедӣ**; **сиёҳӣ нагардад ба шустан сафед** (*зарб.*). 2. *маҷ.* торикӣ, зулмот. 3. *маҷ.* ҷаҳолат. 4. ранги хатнависӣ. 5. суроби чизе, ё тарҳи чизе ё касе, ки аз дур сиёҳ намояд, вале кӣ ва чӣ буданашро фарқ кардан мумкин нест. 6. кобус, хоби даҳшатнок, ҳолати бим ва ҳаросе, ки дар хоб ба кас рӯй медиҳад; **сиёҳии дег** дудаи дег; **сиёҳии чашм** мардумак (гавҳарак)–и чашм; **сиёҳӣ задан** (чашм) банохост торикӣ пахш кардан пеши чашмро; **сиёҳӣ пахш кардан** хоби даҳшатнок дидан.

**СИЁҲКОР** سیاه‌کار бадкирдор, бадкор.

**СИЁҲКОРӢ//СИЯҲКОРӢ** سیاه‌کاری//سیه‌کاری бадкирдорӣ; ситамгарӣ.

**СИЁҲКОСА** سیاه‌کاسه *кит., маҷ.* бахил, хасис, мумсик; сифла.

**СИЁҲҚАЛАМӢ** سیاه‌قلمی санъати тасвири ашё ба воситаи хат ва хатча, нигора, ангораи қаламӣ.

**СИЁҲҚОШ** سیاه‌قاش *ниг.* **сиёҳабрӯ**.

**СИЁҲМИЛЛА** سیاه‌مله сиёҳзулф.

**СИЁҲМУШКИН** سیاه‌مشکین сиёҳи хушбӯ (*сифати мӯй*): **аспи сиёҳмушкин**.

**СИЁҲМӮ(Й)** سیاه‌مو(ی) он ки мӯи сиёҳ дорад, мӯяш сиёҳ.

**СИЁҲНАВИС** سیاه‌نویس *шакли аввали* навиштаи матне, мусаввада.

**СИЁҲНОМ** سیاه‌نام *ниг.* **бадном**.

**СИЁҲНОМА** سیاهنامه *кит.* он ки номаи аъмолаш сиёҳ бошад, бадкирдор.

**СИЁҲНОМӢ** سیاهنامی *кит.* бадномӣ, бадбахтӣ.

**СИЁҲОБ** سیاه‌آب оби дарё, ки аз ғояти боронгарӣ ва обшавии барфҳо лой мешавад.

**СИЁҲОЛУ** سیاه‌آلو олуи сиёҳи хушк.

**СИЁҲПАШМ** سیاه‌پشم **:гӯсфанди сиёҳпашм**

гӯсфанди пашмаш сиёҳ.

**СИЁҲПИР** سیاه‌پیر касе, ки бо вуҷуди пиронсолагӣ мӯяш сафед нашудааст, гандапир.

**СИЁҲПӮСТ** سیاه‌پوست касе, ки пӯсти баданаш сиёҳранг аст; *муқоб.* **сафедпӯст**.

**СИЁҲПӮШ** سیاه‌پوش он ки барои азодории касе либоси сиёҳ пӯшидааст; азодор.

**СИЁҲПӮШӢ** سیاه‌پوشی *марбут ба* **сиёҳпӯш**.

**СИЁҲРАГ** سیاه‌رگ рагҳое, ки хунро аз бадан ба дил бармегардонанд; *муқоб.* **сурхрагҳо**, ки хунро аз дил ба аъзои бадан мерасонанд.

**СИЁҲРАНГ** سیاه‌رنگ дорои ранги сиёҳ.

**СИЁҲРИШ** سیاه‌ریش он ки риши сиёҳ дорад.

**СИЁҲРӮ(Й)//СИЯҲРӮЙ** سیاه‌رو(ی)// سیه‌روی 1. он ки рӯяш сиёҳ аст. 2. *маҷ.* шарманда, шармсор; расво, беобрӯ; *муқоб.* **сурхрӯ(й)** 2.

**СИЁҲРӮЗ** سیاه‌روز бадбахт, фалокатзада, мусибатрасида.

**СИЁҲРӮЗГОР** سیاه‌روزگار *ниг.* **сиёҳрӯз**.

**СИЁҲРӮЗӢ** سیاه‌روزی бадбахтӣ, мусибатзадагӣ.

**СИЁҲРӮӢ** سیاه‌روئی бадномӣ, беобрӯӣ.

**СИЁҲРӮЙ** سیاه‌روی 1. он ки ранги рӯяш сиёҳ аст. 2. *маҷ.* бадном, беобрӯ, муттаҳам.

**СИЁҲСАНГ** سیاه‌سنگ санги сиёҳ.

**СИЁҲСАР** سیاه‌سر *маҷ.* 1. бадбахт, шӯртолеъ. 2. зани бенаво, зани муштипар.

**СИЁҲСУРФА** سیاه‌سرفه *ниг.* **сулфакабутак**.

**СИЁҲТИНАТ** سیاه‌طینت баддил, бадкор, бадният.

**СИЁҲТОБ** سیاه‌تاب ранги ба сиёҳӣ моил; сабзина (*оид ба* ранги рӯй).

**СИЁҲТОЛЕЪ** سیاه‌طالع *ниг.* **сиёҳбахт**.

**СИЁҲТУТ** سیاه‌توت тути сиёҳ (меваи тут).

**СИЁҲТӮРУҚ** سیاه‌توروق сурхи ба сиёҳӣ моил (*ранги асп*).

**СИЁҲФОМ** سیاهفام *ниг.* **сиёҳтоб**.

**СИЁҲФОМӢ** سیاهفامی сиёҳтоб, сиёҳӣ.

**СИЁҲХОК** سیاه‌خاک хоки сиёҳ; замини хокаш сиёҳ.

**СИЁҲХОЛ** سیاه‌خال 1.бо холи сиёҳ, холи сиёҳ дошта. 2.матои холчадор.

**СИЁҲЧА** سیاهچه *ниг.* **сиёҳтоб**.

**СИЁҲЧАРАНГ** سیاهچه رنگ *ниг.* **сиёҳчатоб**.

**СИЁҲЧАРДА//СИЁҲЧУРДА** سیاه‌چرده он ки ранги рӯяш сиёҳтоб бошад; гандумгун, сабзинапӯст (*одам*).

**СИЁҲЧАТОБ** سیاه‌چتاب ранги ба сиёҳӣ моил.

**СИЁҲЧАШМ** سیاه‌چشم 1. он ки чашмони сиёҳ дорад. 2. *маҷ.* зебо (*мас., духтар*).

**СИЁҲЧЕҲРА** سیاه‌چهره гандумгун, сабзинарӯй.

**СИЁҲЧУРДА** سیاه‌چورده *аслаш* **сиёҳчарда**.

**СИЁҲШАВӢ** سیاه شوی аз ғояти гармӣ ё гузашти вақт тадриҷан сиёҳ шудани чизе.

**СИЁҲШУДА** سیاه شده *сифати феълии замони гузашта аз* **сиёҳ шудан**; сӯхтан ё вайрон шуда сиёҳ шудани чизе.

**СИКАНГУБИН** سکنگبین *ниг.* **сиканҷабин**.

**СИКАНҶ** سکنج *ниг.* **сирко**.

**СИКАНҶА** سکنجه асбобе, ки дар корхонаҳои оҳангарӣ барои маҳкам нигоҳ доштани маводи корӣ истифода мешавад.

**СИКАНҶАБИН** سکنجبین сиркоангубин, шарбате, ки аз сирко ва асал (ё шакар) дуруст мекунанд.

**СИККА** I *а.* سکّه пули зарбшудаи филизӣ; **сиккаи қалб** пули филизии (тилло ва нуқраи) қалбакӣ; **сикка задан** филизотро ба шакли пул даровардан, пул баровардан; **сикка ба номи худ задан** *таъp.* а) бо тамға – унвони худ пул зарб задан; б) худро подшоҳ ё амири мустақил эълон кардан; ◊ **сиккаву суммот** афту башара.

**СИККА** II سکّه роҳи росту ҳамвор; кӯча, маҳалла; раставу бозор.

**СИККАДОР** سکّه‌دار тангаи тамғадор.

**СИККАДУРУСТ** سکّه‌درست *кит.* дуруструфтор, росткор, он кӣ қавлаш ба кораш баробар аст.

**СИККАЗАН** سکّه‌زن устои тангасоз.

**СИККАЗАНӢ** سکّه زنی тангабарорӣ.

**СИККАХОНА** سکّه‌خانه ҷое, ки танга сикка мезананд. **сиккахонаи Санкт – Петербург.**

**СИКЛОН** *ю.* سکلان *гуфт.* гирдбоди ҳаҷман ниҳоят калон, ки садҳо ва ҳазорҳо километрро фаро гирифта ҳаворо тағйир медиҳад.

**СИКОҲАН** سکاهن *кит.* ранги сиёҳе, ки аз сирко, хокаи оҳан ва пӯсти анор тайёр карда барои ранг кардани чарм, либос *ва г.* ба кор мебурданд.

**СИҚА** *а.* ثقه мӯътамад, марди шоёни бовар.

**СИҚҚОНДАН** سقّاندن *гуфт.* 1. фушурдан. 2. фишор додан, фишор овардан (ба касе).

**СИҚЛ** *а.* ثقل *кит.* вазн, вазнинӣ.

**СИҚЛАТ** *а.* ثقلت *кит.* вазнинӣ, гаронӣ.

**СИҚОЛ** *а.* صقال сайқал, сайқал додан; **димоғро сиқол додан** димоғро равшан кардан, димоғ чоқ кардан.

**СИҚОЯ(Т)** *а.* سقایه//سقایت обдиҳӣ; амали обдиҳӣ.

**СИЛ** سل *тиб.* бемори шуш, сил будан; **сил кардан** *касеро* касеро безор кардан, ба ҷон расонидан; **сил шудан** а) ба бемории шуш гирифтор шудан; б) *маҷ.* безор шудан, ба танг омадан.

**СИЛА** سیله молиш, молидан; сила кардан, бо даст навозиш кардан; **риши худро сила кардан** изҳори меҳрубонӣ намудан; **сари** *касеро* **сила кардан**.

**СИЛА(Т)** صله//صلت *кит.* 1. инъом, бахшиш. 2. музд, ҳақ; подош, мукофот; ◊ **силаи раҳм** иртибот бо хешу табор ва меҳрубонӣ бо онҳо.

**СИЛАВСИН** سلوسن *зоол.* ҳайвони дарандаи аз гурба калонтар ва аз паланг хурдтар.

**СИЛААНДЕШ** صله‌اندیش *кит.* талабгори мукофоту бахшиш; умедвори ҳаққи қалам.

**СИЛАҲ** سلح *ниг.* **силоҳ**.

**СИЛАҲШӮР** سلحشور *кит.* марди ҷангӣ, ҷангозмуда.

**СИЛБОДА** سلباده *ниг.* **ғамбода**.

**СИЛИКАТ** *лот.* سلکت 1. *маъ.* номи умумии маъданҳои, омехта. 2. шиша, чинивор, семент *ва г.*, ки аз ин гуна омехтаҳо сохта мешавад.

**СИЛИҚ** سلق *гуфт.* ҳамвори ялаққосӣ мисли рӯи шиша, чиниворӣ *ва г.*

**СИЛИНДР** *ю.* سلیندر 1. *ниг.* **устувона**. 2. кулоҳи устувонашакли аврупоӣ

**СИЛӢ** I سلی гирифторӣ ба бемории сил, касалии сил.

**СИЛӢ** II سلی *кит.* шаппотӣ, торсакӣ; **силӣ хӯрдан** тарсакӣ хӯрдан, шатта хӯрдан.

**СИЛК** *а.* سلک *кит.* 1. ришта, ресмоне, ки ба он шаддаи марворид *ва г.* чида бошанд. 2. *маҷ.* саф, қатор, рада.

**СИЛКАСАЛ** سل‌کسل *гуфт.* бемории сил; **силкасал шудан** мубталоӣ ба бемории сил.

**СИЛҚ** سلق *ниг.* **салқ**.

**СИЛЛОГИЗМ** *ю.* سلاگیزم *ман.* хулосае, ки дар асоси ду фикри маълум баровварда мешавад, қиёси мантиқӣ.

**СИЛОС** *исп.* سیلاس хӯроки ҳайвонот; алаф, барг ва соқаи туршонида; **силос хобондан** гиёҳ, барг, пояи растаниҳоро барои туршидан ба ҷои махсус зер карда мондан.

СИЛ

**СИЛОСХОБОНӢ** سیلاس‌خابانی тайёр кардани силос.

**СИЛОҲ** *а.* سلاح олати ҷанг, яроқ; **ба даст силоҳ гирифтан** ба ҷанг омода шудан; **халъи силоҳ** беяроқ кардан, яроқи ҷангии касеро аз дасташ гирифтан; ба зери силоҳ гирифтан силоҳдор кардан; ба хизмати ҳарбӣ даъват кардан.

**СИЛОҲБАДАСТ** سلاح به‌دست *ниг.* **силоҳдор**.

**СИЛОҲБАРДОР** سلاح‌بردار он ки силоҳи ҷангиро бо худ барад

**СИЛОҲБАРОРӢ** سلاح‌براری *ниг.* **силоҳсозӣ**.

**СИЛОҲДОР** سلاح‌دار мусаллаҳ, яроқнок.

**СИЛОҲДОРӢ** سلاح‌داری яроқ доштан, мусаллаҳ будан.

**СИЛОҲНОК** سلاح‌ناک *ниг.* **силоҳдор**.

**СИЛОҲПАРТОӢ** سلاح‌پرتائی яроқпартоӣ, аз аслиҳаи ҷанг даст кашидан.

**СИЛОҲСОЗ** سلاح‌ساز он ки силоҳ месозад, устои силоҳ.

**СИЛОҲСОЗӢ** سلاح‌سازی истеҳсоли силоҳ, сохтани силоҳ: **корхонаи силоҳсозӣ**.

**СИЛОҲФУРӮШ** سلاح‌فروش фурӯшандаи силоҳ.

**СИЛОҲФУРӮШӢ** سلاح‌فروشی фурӯши силоҳ: **мағозаи силоҳфурӯшӣ**.

**СИЛОҲХОНА** سلاح‌خانه аслиҳахона, яроқхона, анбори аслиҳа.

**СИЛОҲҶАЛЛОБ** سلاح‌جلاب он ки аслиҳаро арзон харида қимат фурӯшад.

**СИЛОҲҶАЛЛОБӢ** سلاح‌جلابی *мансуб ба* **сиёҳҷаллоб** амали сиёҳҷаллоб.

**СИЛОҲШӮР** سلاح‌شور *ниг.* **силаҳшӯр**.

**СИЛСИЛА** *а.* سلسله 1. ҳар чизи монанди занҷир пайи ҳам бо ҳам пайваста. 2. занҷир, банд, баст. 3. қатор, пайи ҳам қаторшуда; **силсилаи абрҳои боронӣ**; **силсилаи кӯҳсор** қатораи паёпайи кӯҳҳо; **силсилаи мақолаҳо** мақолаҳое, ки пайи ҳам оид ба масъалаҳои ба ҳам марбут навишта мешаванд. 4. *маҷ.* авлод, хонадон.

**СИЛСИЛАБАНД** سلسله‌بند ба занҷир баста, занҷирбанд.

**СИЛСИЛАБАНДӢ** سلسله‌بندی занҷирбандӣ кардан.

**СИЛСИЛАДОР** سلسله دار 1. дорои силсила. 2. *маҷ.* давомдор, бардавом.

**СИЛСИЛАЗУЛФ** سلسله‌ذلف *ниг.* **силсиламӯй**.

**СИЛСИЛАКӮҲ** سلسله‌کوه қаторкӯҳ.

**СИЛСИЛАМӮ(Й)** سلسله‌مو(ی) ҷингиламӯй, печидамӯй.

**СИЛСИЛАНОМА** سلسله‌نامه *ниг.* **насабнома**.

**СИЛСИЛАПАЙВАНД** سلسله‌پیوند пайвасти занҷирмонанд.

**СИЛСИЛАҶУНБОН** سلسله‌جنبان ба ҳаракатоваранда; сабабгор; боиси коре.

**СИЛТАВ** سلتو *гуфт.* якбора кашидан (афшондан) чизеро: **силтав додан**.

**СИМ** I سیم 1. нуқра; **симу зар** нуқраю тилло. 2. пули нуқра.

**СИМ** II سیم банди филизӣ; **сими барқ**, **сими телеграф**, **сими телефон**; **сим задан** *гуфт.* телефон кардан.

**СИМАНДОМ** سیم‌اندام он ки бадани чун нуқра сафед дорад.

**СИМАНДУД** سیم‌اندود ба рӯяш нуқра давонида, нуқраолуд.

**СИМАНДУДА** سیم‌اندوده нуқрапӯш карда, бо нуқра олуда.

**СИМАРРА** سیم اره аррачаи заргарӣ.

**СИМАТ** *а.* سمت доғ, нишон, нақш, аломат; сифат.

**СИМБАЁЗ** سیم‌بیاض 1. сафед ба мисли нуқра, нуқрамонанд. 2. гардани нуқраранг.

**СИМБАР** سیم‌بر 1. сафедбадан. 2. *маҷ.* хушрӯй, зебо.

**СИМБОЗ** سیم‌باز он ки дар болои сими таранг-кашидашуда ҳар навъ бозиҳо иҷро мекунад, дорбоз.

**СИМБОР** سیم بار 1. нуқрабор, нуқрарез. 2. *маҷ.* ашкафшон, ашкрез.

**СИМБУР** سیم‌بر анбӯр барои буридани сим, анбури симбурӣ.

**СИМГУН** سیم‌گون ба ранги сим, нуқрагун, сафедранги тобон.

**СИМГУНА** سیم‌گونه нуқрамонанд, нуқрагун.

**СИМДОР** سیم‌دار 1. нуқрадор. 2. пулдор, бадавлат.

**СИМДӮЗӢ** سیم‌دوزی 1. бо риштаи нуқрагӣ дӯхтан, нақшу нигор бастан дар рӯи порчае. 2. амали симдӯз.

**СИМИЁ** سیمیا *кӯҳн.* яке аз илмҳои хурофии асримиёнагӣ – илми тилисм, ҷоду; найранг.

**СИМИН** سیمین 1. нуқрагӣ, нуқрагин, нуқрамонанд. 2. *маҷ.* сафед; **бозуи симин** бозуи сап – сафед. 3. аз сим бофта ё сохташуда; **қафаси симин**.

**СИМИНА** سیمینه симин, нуқрагин; (асбоби) аз нуқра сохташуда.

**СИМИНАНДОМ** سیمین‌اندام *ниг.* **симинбадан.**

**СИМИНБАДАН** سیمین‌بدن нуқраандом; сафедбадан, хушрӯй.

**СИМИНБАНД** سیمین‌بند сафедтан, зебо.

**СИМИНБАР** سیمین‌بر *ниг.* **симинбадан**.

**СИМИНПАЙКАР** سیمین‌پیکر *ниг.* **симинбадан**.

**СИМИНРАНГ** سیمین رنگ *ниг.* **симгун**.

**СИМИНТАН** سیمین‌تن *ниг.* **симинбадан**.

**СИМИНФОМ** سیمین فان *ниг.* **симгун**.

**СИМӢ** سیمی *мансуб ба* **сим**; аз сим сохташуда.

**СИМКАШ** سیم‌کش 1. устои заргар, ки бо кирётахта аз тилло ву нуқра симришта месозад. 2. касе, ки симҳои телефон, телеграф ва ғайраро аз ҷое ба ҷое кашида дар сари сутунҳо устувор мекунад.

**СИМКАШӢ** سیم‌کشی 1. сохтани риштаҳои симӣ дар заргарӣ. 2. гузаронидани симҳо аз ҷое ба ҷое.

**СИМКОР** سیم‌کار он ки аз нуқра ҳар чизи ороишӣ месозад.

**СИМКОРӢ** سیم‌کاری амал ва шуғли симкор.

**СИМКУШ** سیم‌کش исрофкор, он ки пулро дареғ намедорад.

**СИМКӮБ** سیم‌کوب *ниг.* **симкорӣ**.

**СИММОҲӢ** سیم‌ماهی *зоол.* як навъ моҳӣ, ки дар русӣ «лещ» гӯянд.

**СИМО** سیما 1. рӯй, чеҳра; шамоил, шакл, қиёфа. 2. шахсият. 3. образ, тип. 4. *маҷ.* телевизион.

**СИМОБ** سیماب *маъ.* унсури кимиё, филизи моеи нуқра, ранги ҷева; **симоб андохтан ба гӯши** *касе* кар кардан касеро.

**СИМОБВОР** سیماب‌وار чун симоб, монанди симоб.

**СИМОБДИЛ** سیماب‌دل беқарор, музтариб.

**СИМОБИРАНГ** سیمابی‌رنگ нуқраранги бӯр.

**СИМОБИЧАШМ** سیمابی‌چشم чашмони хокистарранг.

**СИМОБӢ** سیمابی *мансуб ба* **симоб**; симобмонанд. хокистарранги осмонӣ.

**СИМОӢ** سیمای ба худ хос, махсус; якранг, якхела, типӣ.

**СИМОМ** *а.* صمام сарпӯш, даҳантиққӣ.

**СИМОР** *а.* ثمار *ҷ.* **самар** I.

**СИМОТ** *а.* سماط *кит.* дастурхон.

**СИМОХ** *а.* صماخ//سماخ сӯрохи гӯш, даруни гӯш.

**СИМОЪ** *а.* سماع *ниг.* **самоъ.**

**СИМПАЙКАР** سیم‌پیکر *ниг.* **симинбадан.**

**СИМПЕЧ** سیم پیچ бо сим печондашуда.

**СИМПОЗИУМ** *ю.* سمپازیوم ҷамъомад барои баҳс дар масъалаҳои илмӣ.

**СИМПОЛО** سیمپالا 1.асбоб барои об кардани нуқра. 2. устои нуқрагар.

**СИМСИМ** *а.* سمسم кунҷид; тухми кунҷид.

**СИМ – СИМ** سیم سیم *гуфт.* оҳиста – оҳистаи бетавaққуф (*нисбат ба дард, борон*): **сим–сим боридани борон**.

**СИМСОР** سمسار *кит.* 1. даллол; 2. он ки чизи мардумро фурӯхта музд мегирад.

**СИМТАН** سیم‌تن *ниг.* **симандом**.

**СИМТАНӢ** سیم‌تنی сафедбаданӣ, зебоӣ.

**СИМТӮР** سیم‌تور тӯри аз сим бофташуда.

**СИМУРҒ** سیمرغ мурғи мавҳуми афсонавӣ, ки гӯё дар баландтарини қуллаи кӯҳи Қоф мезистааст.

**СИМФОНИЯ** سمفانیه *мус.* 1. асари бузурги мусиқӣ барои оркестр. 2. *маҷ.* ба як ҷо ҷамъ омадани чизҳои зебои ҳамоҳанг ва ба ҳамдигар наздик: **симфонияи гулҳо, симфонияи рангҳо**.

**СИМФОНӢ** سمفانی *мансуб ба* **симфония**; **оркестри симфонӣ** оркестри якҷояи асбобҳои торӣ, дамӣ ва зарбӣ.

**СИМХОР** سیمخار сими хордор барои тавора ва чапарак.

**СИМЧӮБ** سیم‌چوب сутун(ҳо)и махсус барои гузаронидани сими барқ, телефон *ва г.*

**СИМЪИЗОР** سیم عذار он ки рӯяш мисли нуқра сафед аст, сафедчеҳра, хушрӯ.

**СИМЭЛАК** سیم ایلک элаке, ки торҳои симӣ дорад.

**СИН** سین *номи ҳарфи понздаҳуми алифбои арабиасоси тоҷикӣ, ки дар ҳисоби* абҷад *ба адади* 60 *баробар аст.*

**СИН(Н)** سن 1. теъдоди солҳо (-и умр), муддати умр; сол. 2. дандон.

**СИНА** سینه 1. қисми болоии тарафи пешини та-

на, тӯш. 2. холигии қафасаи сина; **сандуқи сина** холигии қисми пешинии болоии бадан; **даст бар сина ниҳодан** самимият ва эҳтиром изҳор кардан бар касе; **сина сипар кардан** ба пешвози хатар нотарсона баромадан, ба мудофиаи касе пеш баромадан. 3. *мач.* дил; **сина дар назди** *касе* **суфра кардан** рози дили худро дар назди касе кушодан. 4. пистони занон; **сина додан** шир макондан аз пистон ба тифл; **аз сина ҷудо кардан** кӯдаки ширхораро аз пистони модар ҷудо кардан.

**СИНААФГОР** سینه‌افگار *мач.* дилреш, дилозурда.

**СИНАБАНД** سینه‌بند порчаи ба шакли махсус дӯхташудае, ки занҳо ба ду пистон мебанданд, пистонбанд, базаранг.

**СИНАБИРЁН** سینه‌بریان *мач.* 1. дилозурда; доғдида. 2. ташналаб, ташна, беоб: **дашти синабирён**.

**СИНАГУДОЗ** سینه‌گداز дилгудоз; дилсӯз.

**СИНАДАРД** سینه‌درد 1. дард дар қафаси сина. 2. *тиб.* ихтилоҷи рагҳои дил, стенокардия.

**СИНАДӮЗ** سینه‌دوز *кит.* ғамовар; дардовар.

**СИНАЗАНӢ** سینه‌زنی аз дарду алам муштзанӣ бар сари сина.

**СИНАКАБОБ** سینه‌کباب доғдида, аламзада.

**СИНАКАЛОН** سینه‌کلان он ки ё он чи пистонҳояш бузург аст: **гови синакалон**.

**СИНАКӮБ** سینه‌کوب 1. он кӣ ба синаи худ зада, навҳа мекунад; синазан, ба сина зананда. 2. *мач.* зиқ ва тангкунанда, дилтангкунанда.

**СИНАМАК** سینه‌مک кӯдаки ширхора аз пистони модар.

**СИНАМО** سینما кино, филм: **синамои тоҷик**.

**СИНАМОӢ** سینمائی *марбут ба* **синамо**.

**СИНАПАҲН** سینه‌پهن паҳлавонҷусса, синафарох.

**СИНАРЕШ** سینه‌ریش дилреш; аламрасида, доғдида.

**СИНАСАФЕД** سینه‌سفید он ки ё он чи сина ё қафаси синааш сафед аст: **хирси синасафед**.

**СИНАСИПАР** سینه‌سپر он ки ба ҳимояи касе ё чизе пеш баромадааст.

**СИНАСОФ** سینه‌صاف покдил, равшанзамир.

**СИНАСӮЗ** سینه‌سوز аламнок, пурдард: **оҳи синасӯз**.

**СИНАТАХТ** سینه‌تخت синаи паҳну ҳамвор.

**СИНАФАРОХ** سینه‌فراخ он ки сандуқи синааш калону васеъ аст.

**СИНАХАЛТА** سینه‌خلته халтачае, ки ба пистони буз ё гӯсфанд мебанданд то бачааш ширро намакад.

**СИНАХАРОШ** سینه‌خراش дилхарош, дилрешкунанда, синачок.

**СИНАХУРӮШ** سینه خروش *ниг.* **синахарош**.

**СИНАХҶ** سنخج *ниг.* **санахҷ**.

**СИНАЧОК** سینه‌چاک 1. дилреш. 2. *мач.* озурдадил, мотамзада.

**СИНАШИКОФ** سینه‌شکاف маҷрӯҳкунандаи дил: **тири синашикоф**.

**СИНГА** I سنگه :**нони синга** нони нағз пухташуда, тафтон.

**СИНГА** II سنگه бемориест, ки аз нарасидани витаминҳои С сар мезанад ва боиси рехтани дандон мешавад, зангила.

**СИНГАК** سنگک :**сингак зада дард кардан** *гуфт.* сахт дард кардан.

**СИНГОР** سنگار *гуфт.* монанд, мисл, ҳамчун, **сингори…** мисли …, монанди…

**СИНД** سند *кит.* ҳаромзода, фарзанди беникоҳ.

**СИНДИКАЛИЗМ** *фр.* سندیکلیزم *с.* ҷараёнест, ки зарурати муборизаи сиёсиро инкор карда, фақат муборизаи иқтисодиро дар чорчӯбаи иттиҳодияҳои касабавӣ лозим мешуморад.

**СИНДИКАЛИСТ** *фр.* سندیکلیست тарафдори синдикализм.

**СИНДИКАТ** *фр.* سندیکت 1. иттиҳодияи калони инҳисории соҳибони муассисаҳои бузург барои гаронтар фурӯхтани маҳсулоти худ ва барҳам задани рақобат. 2. номи иттифоқҳои касаба дар баъзе мамлакатҳо.

**СИНДОН** سندان *ниг.* **сандон**.

**СИНӢ** سینی зарфи гирди мусаттаҳ аз тилло, нуқра, мис ва ё биринҷӣ, ки дар он табақ ва хӯрданиҳои дигарро мегузоранд, лаълӣ.

**СИНК** سنک *ниг.* **руҳ**.

**СИННИМАКТАБӢ** سن‌مکتبی синни ба мактабравии бача: **бачагони синнимактабӣ**.

**СИНОАТ** *а.* صناعت *ниг.* **саноат**.

**СИНОН** سنان сарнайза, оҳани тезе, ки ба нӯги найза шинонанд; умуман найза.

**СИНОНГУЗОРӢ** سنان‌گذاری найзаандозӣ.

**СИНОНИМ** *ю.* سینانم *збш., ниг.* **муродиф**.

**СИНОР** سنار *ниг.* **санор**.

**СИНТАГМА** *ю.* سنتگمه *збш.* айнан пайваст шудани воҳидҳои семантикӣ-синтаксисӣ дар таркиби ҷумла, ки аз калима ё гурӯҳи калимаҳо иборат аст.

**СИНТАКСИС** *ю.* سینتکسیس *ниг.* **наҳв**.

**СИНТАКСИСӢ** سینتکسیسی *ниг.* **наҳвӣ**.

**СИНТЕЗ** *ю.* سینتیز 1. методи таҳқиқи ягон ҳодиса дар шакли куллии он ва дар алоқаи мутақобили чузъҳои он, маҷмӯи таҳлилоти ба дастомада. 2. ба вуҷуд овардани таркибҳои химиявӣ аз ҳиссаҳои таркибӣ ба воситаи реаксияи химиявӣ; таркиб.

**СИНТЕТИКА** *ю.* سینتتیکه *техн.* бо роҳи синтез ҳосил кардани чизҳо.

**СИНТЕТИКӢ** سینتتیکی 1. *фалс.* асосёфта ба синтез. 2. *хим.* ҳосилшуда ба воситаи синтез; таркибӣ.

**СИНУС** سینس *риёз.* яке аз амалҳои тригонометрия (мусалисот).

**СИНФ** I صنف *с.* 1. хел, навъ; табақа, қисм, гурӯҳ (*дар таснифоти чизҳо*). 2. гурӯҳи калони ҷамъиятӣ, ки аз рӯи манфиатҳои иҷтимоӣ, истеҳсолӣ, меҳнат *ва г.* муттаҳид шудааст. 3. гурӯҳи мактаббачагони ҳамсинну сол, ки дар мактаб якҷоя як давраи таҳсилро мегузаронанд. 4. хонаи дарсхонӣ дар мактаб.

**СИНФ** II صنف *биол.* ба гурӯҳҳои калон ҷудокунии мавҷудоти зинда: **синфи ширхӯрон**.

**СИНФӢ** صنفی *мансуб ба* **синф: душмани синфӣ, муборизаи синфӣ, кори синфӣ**.

**СИНХРОНИЯ** سنخرانیه *збш.* мутобиқат ва аз ҳамдигар вобастагии ҳодисаҳои забонӣ.

**СИНХРОНӢ** سنخرانی *мансуб ба* **синхрония**.

**СИНЧА** سنچه **:синча кардан** *гуфт.* бодиққат нигаристан ва санҷидан чизеро.

**СИНЧАКОР** سنچه‌کار *гуфт.* бодиққат, дақиқназар.

**СИНЧАКОРОНА** سنچه‌کارانه *гуфт.* бодиққатона, санҷида, дақиқназарона.

**СИНҶ** I سنج *бинокорӣ* зеррав (зерчӯб) дар иморатҳои чӯбкорӣ.

**СИНҶ** II سنج *мус.* табақчаҳои филизӣ.

**СИОЯТ** *а.* سعایت *кит.* бадгӯӣ, суханчинӣ, тӯҳмат кардан.

**СИОНИЗМ** سیانیزم *с.* идеологияи буржуазияи калони яҳуд, ки асоси сиёсати давлати Исроил мебошад, саҳюнизм; (*аз номи кӯҳи Сион, дар Иерусалим*).

**СИОЯТНАМО** سعایت‌نما сиояткунанда, бадгӯй, тӯҳматгар.

**СИПАНД** سپند 1. *бот.* тухми гиёҳи ёбоие (рута), ки сиёҳранг ва хушбӯй буда, барои дафъи уфунат, захми чашм *ва г.* дуд карда мешавад, ҳазорсипанд. 2. номи кӯҳе дар Систон.

**СИПАНДДОНА** سپنددانه *ниг.* **испанддона**.

**СИПАНДОН** سپندان *бот.* 1. гиёҳи худрӯе, ки донаҳои майдаи сиёҳ дорад, сипанд. 2. сипанддона, тухми сипанд, ҳазорсипанд; ҳазорисфанд; *ниг.* **сипанд** 1.

**СИПАНДОРМУЗ** سپندآرمز *ниг.* **сифандормуз**.

**СИПАНҶ** سپنج *кҳн.* гузаранда, нопойдор, муваққатӣ; ◊ **ин сарои сипанҷ** дунёи даргузар.

**сипар** سپر 1. *асоси замони ҳозира аз* **сипардан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* раванда, тайкунанда: **раҳсипар**.

**СИПАР** سپر 1. олати ҷангии қадима барои ҳимояи сар ва бадан аз зарби шамшер ё тири душман. 2. монеа аз ҳуҷуми чизе ё барои боздоштани пеши чизе. 3. тахтае, ки дар кӯчаҳо ва саҳни муассисаҳо шинонда, ба он суратҳо ё эълонҳо мечаспонанд; **сипар кардан** *чизеро* дар панаҳи чизе будан.

**СИПАРАМ** سپرم *шакли кӯтоҳшудаи* **сипарғам**.

**СИПАРБОЗ** سپرباز ҷусту чолок дар сипардорӣ; ҷанговар.

**СИПАРБОЛАК** سپربالک як намуд ҳашароти зараровар.

**СИПАРҒАМ** سپرغم *ниг.* **испарғам**.

**СИПАР(И)ДАН** سپردن//سپریدن гузаштан, тай кардан (*роҳро*).

**СИПАРДЕВОР** سپردیوار 1. монеа, девор барои муҳофизат. 2. *ҳ.* гурӯҳи аскарон, ки барои аз душман панаҳ кардани амалиёти ҳарбӣ таъйин мешавад.

**СИПАРДЕВОРА** سپردیواره монеаҳои сунъӣ барои гирифтани пеши чизе (*мас., дар ду ҷониби роҳи оҳан барои гирифтани пеши тӯфонҳои барфӣ*).

**СИПАРДОР** سپردار 1. сипар дар даст дошта. 2. маҳфуз, ҳимоятгардида.

**СИПАРДОРӢ** سپرداری бо сипар мудофиа кардан; мудофиа, муҳофиза; **сипардорӣ кардан** муҳофизат намудан, мудофиа кардан.

**СИПАРӢ** I سپری **:сипарӣ шудан** гузаштан (*вақт, масофа*); ба охир расидан, тамом шудан.

**СИПАРӢ** II سپری *мансуб ба* **сипар**.

**СИПАРМОНАНД** سپرمانند 1. ба сипар монанд. 2. *тиб.* **ғадудҳои сипармонанд**.

**СИПАРЧАГУЛ** سپرچه‌گل *биол.* як навъ гули ороишӣ.

**СИПАРҶӢ** سپرجی хуррамӣ, хурсандӣ, айшу ишрат.

**СИПАРШАКЛ** سپرشکل *ниг.* **сипармонанд**.

**СИПАС** سپس пас, баъд, сонӣ; пас аз он…

**СИПАҲ** سپه *ниг.* **сипоҳ**.

**СИПАҲБАД//СИПАҲБУД** سپهبد сипаҳсолор, сарлашкар, сарфармондеҳи лашкар; соҳиби лашкар, султон, подшоҳ.

**СИПАҲДОР** سپه‌دار он ки сипоҳ дорад, соҳиби лашкар; сарлашкар.

**СИПАҲДОРӢ** سپه‌داری сардории лашкар, фармондиҳӣ, лашкардорӣ.

**СИПАҲКАШ** سپه‌کش лашкаркаш, сардории лашкар.

**СИПАҲСАРВАР** سپه‌سرور сардори сипоҳ, сарлашкар.

**СИПАҲСОЛОР** سپه‌سالار *кӯҳн.* сардор, фармондеҳи олии сипоҳ, сарфармондеҳ.

**СИПАҲСОЛОРӢ** سپه سالاری фармондеҳӣ.

**СИПАҲШИКАН** سپه‌شکن лашкаршикан, мағлубкунанда ва торуморкунандаи лашкар.

**СИПЕҲР** سپهر осмон; фалак.

**СИПЕҲРВОР** سپهروار монанди осмон, мисли фалак.

**СИПЕҲРСОЙ** سپهرسای *кит.* осмонрас, осмонхарош.

**сипор** سپار *асоси замони ҳозира аз* **сипордан**.

**СИПОР** سپار 1. асбоби шудгорпоза. 2. асбобу анҷоми хона, ҷиҳоз, абзор.

**СИПОРА** سپاره санги фасон; санг, қайроқсанг.

**СИПОС** سپاس 1. ҳамду сано, шукр. 2 миннат, шукрона.

**СИПОСА** سپاسه лутф, марҳамат, шафқат; миннат.

**СИПОСГУЗОР** سپاسگذار шукркунанда, касе, ки ба лутфу эҳсони касе ташаккур мекунад; баёнкунандаи миннатдорӣ, миннатдор.

**СИПОСГУЗОРӢ** سپاسگذاری 1. ҳамду сано гуфтан. 2. миннатдорӣ.

**СИПОСГӮ(Й)** سپاسگو(ی) *ниг.* **сипосгузор**.

**СИПОСДОР** سپاسدار миннатдор, ҳақшинос.

**СИПОСТАН** سپاستن *кит.* таъриф кардан, ҳамду сано гуфтан, шукргузорӣ кардан.

**СИПОҲ** I سپاه 1. лашкар, артиш. 2. ҳар як аз афроди лашкар, лашкарӣ, сипоҳӣ. 3. *гуфт.* далер, нотарс, пурҷасорат. 4. *маҷ.* мӯҳраҳои шатранҷ, донаҳои шоҳмот.

**СИПОҲГАРӢ** سپاه‌گری ҷанговарӣ сипоҳигарӣ, аскарӣ; **олоти сипоҳгарӣ** абзори ҷанг, созубарги ҷангӣ.

**СИПОҲГАРОНА** سپاه‌گرانه сипоҳиёна, ба мисли сипоҳиён.

**СИПОҲИГАРӢ** سپاهیگری *таър.* 1. хизмат дар сипоҳ; ◊ **сипоҳигарӣ сӣ пой дорад** (*зарб.*). 2. *гуфт.* сиёсат, сиёсат кардан; калонгарӣ, мағрурӣ, кибру ғурур.

**СИПОҲӢ** سپاهی 1. *мансуб ба* **сипоҳ**; лашкарӣ, ҳарбӣ. 2. ҳар як аз афроди сипоҳ, аскар. 3. он ки дар хизмати дарбор аст (*дар аморати собиқи Бухоро*). 4. *ниг.* **сипоҳигарӣ**.

**СИПОҲОНА** سپاهانه чун сипоҳ, ба мисли сипоҳон.

**СИПОҲСОЛОР** سپاه سالار *ниг.* **сипаҳсолор**.

**СИПОҲСОЛОРӢ** سپاه سالاری сардорӣ, сарлашкарӣ.

**СИП-СИЁҲ** سیپ سیاه бисёр сиёҳ, сиёҳи сиёҳ.

**СИПУРДАН** سپردن *ниг.* **супурдан**.

**СИПУРЗ** سپرز *биол.* яке аз аъзои дарунии бадан, ки лӯндачаҳои хунро ҳосил мекунад, испурч.

**СИПӮЗГОР** سپوزگار *ниг.* **сипӯзкор**.

**СИПӮЗИДАН** سپوزیدن *ниг.* **сипӯхтан**.

**СИПӮЗКОР** سپوزکار *кит.* 1. таъхирдиҳандаи кор. 2. коҳил, танбал.

**СИПӮХТАН//СИПӮЗИДАН** سپوختن//سپوزیدن *кит.* 1. зӯран ворид кардани чизе ба чизе, халондан. 2. *маҷ.* баровардан (*чизеро аз чизе*); нобуд кардан, дур намудан. 3. *кит.* алоқаи ҷинсии нару мода.

**СИР** I سر моддаи таркибии ҷилодиҳандае, ки маҳсулоти кулолӣ ё тунукагиро бо он ранг карда мепазанд; **сир давондан (додан)** бо моеи ҷилодиҳанда пӯшондани сафол ва дигар маҳсулоти кулолӣ.

**СИР** II سیر *бот.* бехмеваи пиёзмонанди таъму бӯяш тез, саримсоқ.

**СИР(Р)** *а.* سر кори пӯшида ва ниҳонӣ, кор ва амале, ки ба як ё чанд кас маълум мебошад, роз; **сир бой додан** ягон гап ё кори ниҳониро банохост ошкор сохтан; **сир додан** рози худ ё касеро ошкор сохтан; **сар додану сир надодан** (*зарб.*); **сир нигоҳ доштан** кор ё гапи пинҳонии худ ё касеро ба касони дигар нагуфта махфӣ ниҳон кардан; **сир кушода (фош) шудан** маълум гардидани он чи пинҳон нигоҳ дошта мешуд; **сир пӯшидан** рози ниҳонии касеро донista истода ба касе нагуфтан.

**СИРАК** سیرک тунук, кушод; *муқоб.* **зич, ғулӣ**.

**СИРАКӢ** سیرکی тунукӣ, камӣ.

**СИРАТ** *а.* سیرت хосият, хислат, хулқ.

**СИРАТАН** *а.* سیرتاً табиатан, ботинан, аз ҷиҳати хулқу хислат.

**СИРБОЛ** سربال пероҳан, курта.

**СИРГАР** سرگر он ки зарфҳои филизиро сир медавонад.

**СИРДАВОНӢ** سردوانی амалиёти давонидани сир ба зарфиёт.

**СИРДИҲӢ** I سردهی розеро ошкор сохтан, сир бой додан.

**СИРДИҲӢ** II سردهی *ниг.* **сирдавонӣ**.

**СИРДОН** سردان 1. огоҳ аз рози касе, роздон. 2. маҳрами роз, рафиқи нозук.

**СИРДОР** I سردار 1. он ки дар замири худ сире, розе дорад. 2. асрорангез.

**СИРДОР** II سردار ба рӯяш сир давондашуда.

**СИРДОШТ** سرداشت одами наздик, ҳамроз, сирдон.

**СИРЕШ//СИРИШ** سریش баргҳои кӯфта бехтаи як навъ гиёҳе, ки онро бо об омехта, ҳамчун часпак кор мефармоянд.

**СИРЕШИМ** سریشم моддаи часпандае, ки аз ҷӯшонидани устухон, тағояк, пӯсти баъзе аз ҳайвонот ҳамчун гов ва моҳӣ ҳосил мешавад ва дар дуредгарӣ, зингарӣ, камонгарӣ ва ғайра истифода мебурданд.

**СИРИШК** I سرشک қатраи оби чашм вақти гиристан, ашк.

**СИРИШК** II سرشک 1. зирк, анбарборис, барбарис. 2. дарахти гул, ки онро озоддарахт низ мегӯянд ва гулаш низ сурхтоб аст.

**СИРИШКРЕЗ** سرشک ریز ашкбор, ашкрез.

**СИРИШТ** سرشت тинат, ниҳод, табиат, хулқ (дар одам).

**СИРИШТА** سرشته хамиршуда; омехта; **сиришта будан** сохта шудан, таркиб ёфтан.

**СИРИШТАН** سرشتن 1. хамир кардан, омехтан. 2. сохтан, таркиб додан; сохта шудан, таркиб ёфтан.

**СИРИШТӢ** سرشتی фитрӣ, табиатӣ ва азалӣ.

**СИРК** *лот.* سرک бинои мудаввари саҳнааш воқеъ дар мобайн ва гирдогирдаш нишастгоҳ, ки дар он ҳар гуна машқҳо нишон медиҳанд ва ҳайвонҳоро бозӣ медоронанд: **ҳунарпешаи сирк, саҳнаи сирк, сирки тоҷик**.

**СИРКА** سرکه *ниг.* **сирко**.

**СИРКАНҶАБИН** سرکنجبین шарбати омехта ҷӯшонидаи сирко бо асал, ки ширинии давоӣ ҳисоб меёбад.

**СИРКАПЕШОНӢ** سرکه پیشانی *маҷ.* туршрӯй ва бедимоғ.

**СИРКБОЗ** سیرک باز хунарманди сирк.

**СИРКБОЗӢ** سیرک بازی бозӣ, хунарнамоӣ дар сирк.

**СИРКО** سرکا моеи тунди туршмазае, ки аз ширaи ангур бо роҳи туршонидани он ба вуҷуд меояд.

**СИРКОӢ** سرکای 1. ҳар чизи сиркодор. 2. сиркофурӯш.

**СИРҚАТ** *а.* سرقت *кит.* 1. дуздӣ. 2 асардузӣ.

**СИРҚАТӢ** سرقتی дуздидашуда.

**СИРҚОТ//САРИҚОТ//САРАҚОТ** *а.* سرقات 1. *ҷ.* **сирқат//сарқат //сариқат**. 2. шеърдуздиҳо.

**СИРНОК** سرناک сирдавонидашуда (*зарф, дег ва г.*).

**СИРОТ** *а.* صراط *кит.* 1. роҳ, тариқ. 2. *д.* пули мавҳум аз болои дӯзах, ки (пули сирот) номида мешавад.

**СИРОҶ** سراج *муарраби* **чароғ**.

**СИРОЯТ** *а.* سرایت гузаштани чизе (*мас.*, бемории) ба чизе ё аз касе ба касе; **сироят кардан** гузаштан (*мас., беморӣи гузаранда аз касе ба касе*).

**СИРОЯТӢ** سرایتی сирояткунанда, гузаранда.

**СИРОЯТКУНАНДА** سرایت‌کننده *ниг.* **сироятӣ**.

**СИРОЯТНОПАЗИР** سرایت ناپذیر таъсирнопазир.

**СИРПИЁЗ** سیرپیاز сир, пиёзи сир.

**СИРПӮШӢ** سرپوشی роз нигоҳ доштан, сир пинҳон кардан.

**СИРР** *а.* سر *ниг.* **сир** I; **сирри давлатӣ**, **сирри ҳарбӣ**.

**СИРРАН** *а.* سراً ба таври махфӣ, пинҳонӣ.

**СИРРӢ** سری пинҳонӣ, махфӣ.

**СИРФ** *а.* صرف 1. холис, соф: **шароби сирф**. 2. тамоман, бакуллӣ; маҳз; **сирф ғалат** тамоман ғалат.

**СИРФАН** *а.* صرفاً тамоман, куллан.

**СИРФОШКУНАНДА** سرفاشکننده касе ё чизе, ки сабаби ифшои роз мешавад, сир ошкоркунанда.

**СИСАНБАР** *ю.* سیسنبر гиёҳе монанди наъно дорои баргҳои хушбӯй, гулҳояш сафеди моил ба сурхӣ, тухмҳояш монанди тухми райҳон.

**СИСОЛА** سی‌ساله он ки сӣ сол дорад; он чи аз пайдоишаш сӣ сол гузаштааст.

**СИСОЛАГӢ** سی سالگی сисола шудан, сӣ солро пур кардан: **дар синни сисолагӣ**.

**СИСТЕМА** *ю.* سیستیمه 1. тартиби муайяни дар ҷобаҷогузорӣ ва алоқаи ҷузъҳои чизе; **ба система даровардан** ба як тартиби муайян даровардан. 2. тартиб, низом, сохт, тарзи идора кардан, сохти ҷамъиятӣ, шакли тартиботи ҷамъиятӣ; **системаи буржуазӣ, системаи кӯҳна, системаи нав**. 3. маҷмӯи муассисаҳое, ки аз ҷиҳати созмонӣ дар як воҳид – иттиҳодия ҷамъ омадаанд: **системаи маориф**, **системаи савдо**. 4. ягонагӣ ва бо ҳам вобастагии ҷузъҳои аз рӯи қонуни муайян ҷойгирифта ва бо ҳам мутақобилан алоқаманд; **системаи асаб**, **системаи даврии унсурҳо дар химия, системаи офтобӣ.** 5. сохти техникӣ, соза.

**СИСТЕРНА** *лот.* سیستیرنه 1. зарфи бузурги оҳанӣ, ки дар он моеъро нигоҳ медоранд; махзан. 2. мошини махзандор ё вагон барои кашонидани моеъ.

**СИСТЕМАТИКӢ** سیستیمتکی 1. аз рӯи система – қоида ва тартиби муайян. 2. ба таври доимӣ, доимо такроршаванда, истимрорӣ.

**СИТ** *а.* صیت *кит.* 1. овоз, садо, савт. 2. овоза, шӯҳрат.

**СИТАБР** سطبر//ستبر *кит.* ғафс, фарбеҳ, калон; бақувват: **абри ситабр, бабри ситабр**.

**СИТАБРӢ** ستبری ғафсӣ, кулуфтӣ; андозаи кулуфтӣ ва ғафсӣ.

**СИТАД** ستد **:доду ситад** доду гирифт, муомилаи тиҷоратӣ, тиҷорат.

**СИТИДАН** ستیدن *ниг.* **ситондан**.

**СИТАМ** ستم зулм, ҷабру ҷафо, бедодгарӣ, ноинсофӣ дар ҳаққи касе.

**СИТАМАНДЕШ** ستم‌اندیش он ки дар пайи зулму

ситам кардан аст, зулмандеш, бадандеш, мардумозор, ҷафопеша.

**СИТАМГАР//СИТАМГОР** ستمگر//ستمگار золим, ҷабркунанда, бедодгар.

**СИТАМГАРӢ** ستمگری зулм, бедодгарӣ.

**СИТАМГОР(А)** ستمگار(ه) ситамкунанда, мардумозор, золим.

**СИТАМГОРӢ//СИТАМГАРӢ** ستمگاری//ستمگری золимӣ, ҷаврпешагӣ, беадолатӣ, бераҳмӣ.

**СИТАМДИДА** ستمدیده ситамкашида, касе, ки ба ӯ зулму ҷабр шуда бошад, мазлум.

**СИТАМЗАДА** ستمزده *ниг.* **ситамдида**.

**СИТАМКАДА** ستم کده *киноя аз* **дунё**.

**СИТАМКАШ** ستمکش он ки ба зулму ситам гирифтор шудааст, ситамдида, ҷафокашида.

**СИТАМКАШИДА** ستمکشیده зулмдида, ҷафокашида, ситамрасида.

**СИТАМКОР** ستمکار *ниг.* **ситамгар**.

**СИТАМКОРӢ** ستم کاری *ниг.* **ситамгарӣ**.

**СИТАМПЕША** ستمپیشه *ниг.* **ситамгар**.

**СИТАМПЕШАГӢ** ستمپیشگی ҷафопешагӣ, ситамгарӣ, озордиҳӣ.

**СИТАМРАСИДА** ستمرسیده *ниг.* **ситамдида**.

**СИТАНБА** ستنبه 1. қавӣ ва калонҷусса. 2. қареҳманзар, зишт, хунукшакл, бадафт.

**СИТЕҒ** ستیغ 1. *кит.* рост; боло. 2. қуллаи кӯҳ.

**СИТЕЗ** ستیز 1. ҷанг, ҷидол, хусумат. 2. инод, саркашӣ, носозгорӣ, якраҳагӣ, бо қасди касе коре кардан, хашму ғазаб (*ба ин маънӣ бештар дар шакли* ***ситеза*** *кор фармуда мешавад*).

**СИТЕЗА** ستیزه *ниг.* **ситез**; **ситеза кардан** муқобилият кардан, ҷангу ҷидол кардан, инод варзидан; **бо худодода ситеза макун, ки худододаро Худо додаст** (*зарб.*).

**СИТЕЗАНДА** ستیزنده *ниг.* **ситезаҷӯ(й)**.

**СИТЕЗАКОР** ستیزه‌کار инодкор, якраҳа, ситезанда; ҷангара.

**СИТЕЗАКОРӢ** ستیزه‌کاری 1. ҷангу хусумат. 2. носозгорӣ, мухолифат варзидан. 3. ситам, таадӣ.

**СИТЕЗАРОӢ** ستیزه رائی хусуматандешӣ; якравӣ, инодкорӣ.

**СИТЕЗАРӮ(Й)** ستیزه‌رو(ی) ситезакор, якрав; гаҷир, бадхулқ.

**СИТЕЗАҶӮ(Й)** ستیزجو(ی) он ки шуғлаш ҷангу хусумат бошад.

**СИТЕЗИДАН** ستیزیدن 1. ҷангу ҷидол кардан. 2. якраҳагӣ кардан, нофармонӣ кардан.

**СИТЕМ** ستیم *кит.* 1. рим, мадда, фасоди ҷароҳат. 2. газак кардани ҷароҳат.

**СИТЕР** ستیر миқёси вазн, чиляки ман, ки дар ҳар ҷо ҳар хел буд.

**СИТЕҲИДАН** ستیهیدن *ниг.* **ситезидан**.

**сито** ستا *асоси замони ҳозира аз* **ситудан//сутудан**.

**СИТО** ستا ситоиш, мадҳу сано.

**СИТО(Й)** ستا//ستای 1. *мус.* яке аз лаҳнҳои мусиқӣ. 2. *мус.* номи созе ҳамчун танбӯр, сетор.

**СИТОҒ** ستاغ аспе, ки ҳанӯз зин надидааст, той, курраи асп.

**СИТОҒКУРРА** ستاغ کره *ниг.* **ситоғ**.

**СИТОД** ستاد 1. маркази фармондеҳии артиш ё ягон воҳиди низомӣ, ки таҳияи нақшаҳои амалиёт дар замони осоишта ва ҷанг, ҳамчунин назорати иҷрои онҳо ба зиммаи ӯст. 2. маркази амалиёт дар ҳолатҳои фавқулода.

**СИТОДАН** ستادن *ниг.* **истодан.**

**СИТОЗАН** ستازن сеторнавоз, навозандаи сетор.

**СИТОИДАН** ستایدن *ниг.* **ситудан.**

**СИТОИШ** ستایش 1. мадҳ, сано. 2. тавсиф, таъриф; **ситоиш кардан** сутудан, хубии касеро гуфтан, таъриф кардан.

**СИТОИШГАР** ستایشگر *ниг.* **ситоишкор**.

**СИТОИШГОҲ** ستایشگاه *адш.* гурезгоҳи қасида, гузариш аз тасвири умумӣ (ташбиб) ба мадҳ.

**СИТОИШКОР** ستایشکار ситоишкунанда, таърифу тавсифкунанда, мадҳгӯй.

**СИТОИШСАРО** ستایشسرا санохон, таърифкунанда, вассоф.

**СИТОК** ستاک навда, нарт, шохи наврустаи да-

рахт ва ток.

**СИТОМ** ستام *кӯн.* лаҷоми асп.

**СИТОН** ستان *кит.* рӯболо хобида, ба пӯшт хобида; *мубоҳ.* **нигун**.

**СИТОНА** ستانه *шакли дигари* **остона.**

**СИТОНАНДА** ستاننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **ситондан**. 2. гиранда.

**СИТОН(И)ДАН** ستاندن//ستانيدن 1. гирифтан, ба зӯр гирифтан, кашида гирифтан. 2. рӯёндан (қарзро), ба даст даровардан.

**СИТОНИШ** ستانش 1. *ниг.* **ситонидан** 1, 2. 2. ба даст даровардан, тасарруф кардан.

**СИТОПЛАЗМА** *ю.* سيتاپلزمه *зоол.* як қисми протолазмаи бофтаи ҳайвонот ва растанӣ, ки ба ҳастаи он дохил намешавад.

**СИТОРА I** ستاره 1. ҷирми осмоние, ки дар осмон шабона чун нуқтаи дурахшоне дида мешавад, кавкаб; ахтар; **ситораи думдор** ҷирми осмоние, ки дар пасаш дунболаи туманмонанде дорад, **ситораи корвонкуш** ситораи ҳурмузд, ки нисфи шаб дар ҷои ноҳид – ситораи саҳарӣ баромада корвонро ба иштибоҳ меандозад. 2. шакли парадори ситорамонанд; **ситораи панҷгӯша; «Ситораи сурх»** яке аз орден – нишонҳои олии ҳарбии собиқ шӯравӣ. 3. *маҷ.* шахси мумтоз дар соҳае (*бештар дар соҳаи илм ва санъат*); **ситораи илм, ситораи олами санъат; ситораи раҳнамо** а) ситораи қутбӣ; б) *маҷ.* роҳбар, пешрав; **аз ситора афзун (зиёд) будан** хеле зиёд будан, бешумор будан; **ситора шумурдан** *киноя аз* шабҳо бедор будан, бехоб будан, шабзиндадорӣ кардан; **ситорааш гарм** одами дӯстрӯ, дилчасп, он ки дар бинанда ҳусни таваҷҷӯҳ бармеангезад; **ситораи** *касе бо касе* **рост (хуш) наомадан** тавофуқ надоштан, созгор набудан, писанд нашудан.

**СИТОР(А) II** ستار(ه) *кит.* парда, чодир.

**СИТОРАБОР** ستارهبار *кит.* 1. афтиши ситораҳо. 2. *маҷ.* ашкрез, гирён.

**СИТОРАВОР** ستارهوار монанди ситора; дуррахшон, тобон.

**СИТОРАГАРМ** ستارهگرم дилкаш, ҷалбкунанда, ҷозибадор (одам), мафтункунанда.

**СИТОРАГАРМӢ** ستارهگرمی дилкашӣ, мафтункунандагӣ.

**СИТОРАЗОР** ستارهزار пурситора: **осмони ситоразор**.

**СИТОРАМОНАНД** ستاره مانند ба ситора монанд, мисли ситора.

**СИТОРАСИПОҲ** ستاره سپاه фаровонсипоҳ, сарлашкар, дорои лашкари бешумор.

**СИТОРАСӮХТА** ستاره سوخته бадбахт, бадтолеъ.

**СИТОРАТӮДА** ستارهتوده ситоразор, пур аз ситора.

**СИТОРАХУНУК** ستارهخنک дилнокаш, безеб, *муқоб.* **ситорагарм**.

**СИТОРАШАКЛ** ستاره شکل ба шакли ситора, монанди ситора.

**СИТОРАШИНОС** ستارهشناس донишманди илми ҳайат, мунаҷҷим, ахтаршинос.

**СИТОРАШИНОСӢ** ستارهشناسی 1. илми ахтаршиносӣ, илми нуҷум. 2. илми аҳкоми нуҷум.

**СИТОРАШУМОР** ستارهشمار *ниг.* **ситорашинос**.

**СИТОРАШУМОРӢ** ستارهشماری 1. машғулӣ бо илми ҳайат; шумурдан ва ҳисоб кардани ситораҳо. 2. бедорхобӣ, шабзиндадорӣ.

**СИТР** *а.* ستر *кит.* 1. парда. 2. шарму ҳаё; **ситри исмат** киноя аз иффат, покдоманӣ.

**СИТВУС** ستوس *биол.* дарахт ва буттаи мевадор аз навъи лиму, афлесун *ва г.*

**СИТРУС** سيترس *биол.* дарахт ва буттаи мевагии гармсер аз қабила афлесун, лиму *ва г.*

**СИТРУСӢ** سترسی *мансуб ба* **ситрус**: **меваи ситрусӣ**.

**СИТРУСПАРВАР** سترسپرور парваришкунандаи ситрус.

**СИТРУСПАРВАРӢ** سترسپروری парвариши ситрус: **соҳаи ситруспарварӣ**.

**СИТУДА//СУТУДА** ستوده 1. мадҳ кардашуда, таъриф кардашуда. 2. писандида.

**СИТУДАМАОШ** ستوده معاش писандидарафтор, хушмуомила.

**СИТУДАН** ستودن таъриф кардан, мадҳ намудан, ситоиш кардан.

**СИТУДАХИСОЛ** ستودهخصال он ки дорои хислатҳои писандида аст.

**СИТУРГ** ستر گ *ниг.* **сутург.**

**СИТУРДАН//СУТУРДАН** ستردن 1. тарошидан, пок ва тоза кардан(дар бораи мӯй, риш *ва г.*). 2. тоза кардан, пок кардан (*мас., қашав кардани асп*).

**СИФАТ** *а.* صفت 1. хусусияти аз дигарҳо фарқкунандаи касе ё чизе, бартарӣ, дараҷаи бакороии чизе, чигунагӣ; **ба сифати…** ҳамчун, ба монанди… 2. хосият, хислат, кайфият, хусусият; **сифат кардан** *чизе, касеро* тавсиф кардан касеро, чизеро. 3. *збш.* ҳиссаи нутқ, ки чигунагӣ, хусусият ва мансубияти ашёро ифода мекунад.

**СИФАТАН** *а.* صفتاً аз ҷиҳати сифат: **сифатан беҳтар шудани коре**.

**СИФАТӢ** صفتی *мансуб ба* **сифат**; оид ба сифат: **таҳлили сифатӣ**.

**СИФАТНОК** سفتناک дорои хосият ва кайфияти хуб, беҳтар.

**СИФЛА** *а.* سفله пастфитрат, ноодам, нокас, дун.

**СИФЛАГӢ** سفلگی нокасӣ, пастфитратӣ, дунӣ.

**СИФЛАПАРВАР** سفله‌پرور он ки ё он чи нокасонро мепарварад; **гардуни сифлапарвар**.

**СИФЛАТАБЪ** سفله طبع пасттабиат, бадсиришт; дунҳиммат: хасис.

**СИФЛӢ** *а.* سفلی *кит.* пастӣ; поинӣ, олами сифлӣ; *муқоб.* **улвӣ**.

**СИФОТ** *а.* صفات *ч.* **сифат**; сифатҳо.

**СИФР** I *а.* صفر 1. холӣ; ҳеҷ. 2. аломатест дар ҳисоб, ки ба танҳоӣ қимат надорад, аломати ҳеҷӣ.

**СИФР** II *а.* سفر 1. китоб; китоби мӯътабар; китоби муқаддас. 2. ҷилд, пора ва қисми муайяни китоб; қисме аз қисмҳои Таврот: **сифри таквин**, **сифри тасния** *ва г.*

**СИФРВОР** صفروار сифрмонанд, холӣ, тиҳӣ, ҳеҷ.

**СИХ** I سیخ 1. мили борики оҳании нӯгтез, мили оҳание, ки парчаҳои гӯштро ба он гузаронда дар оташ кабоб мекунанд; **на сих сӯзад, на кабоб** (*зарб.*); **сихи тилло** тиллое, ки онро гудохта ба қолиби новамонанд рехта ба шакли мила дароварда бошанд, ки инро шимш меномaнд; **ба сих задан** гӯштро барои кабобкунӣ ба мила гузаронидан; **сих кардани гӯш** гӯши худро сих барин рост кардани чорпоён; мутаваҷҷеҳ кардани гӯш барои беҳтар шунидани садое; **сих шудан** а) сих барин рост хестани мӯй (*аз хашм, тарс ва г.*); б) барои нағз шунидани гуфтаи касе бо диққат гӯш фаро додан. 2. дандонаҳон тези борик (*мас., дар сихмола*); **сих задан** хала зада дард кардани узве; **сих мондан** а) ҳайрон шудан; б) рах – рах шудан, торҳо пайдо кардан.

**СИХ** II سیخ 1. чубчаи майдаи нӯгтез. 2. асбоби дастбофӣ. 3. сихчаҳои оҳанӣ барои бастани мӯи сар. 4. сихи нӯгтез барои сайди паранда.

**СИХГӮШ** سیخ گوش *мач.* тезшунав, зудшунав.

**СИХКАБОБ** سیخ‌کباب гӯшти ба сих кашида дар оташ пухташуда, кабоби сихпаз.

**СИХКАБОБПАЗ** سیخ‌کباب‌پز шашликпаз, он ки кабоби сихӣ мепазад.

**СИХМОЛА** سیخ‌ماله молаи дандонаҳояш оҳанӣ.

**СИХМОЛАКУНӢ** سیخماله‌کنی *кишов.* баъди ҷуфтронӣ пӯшондани тухмӣ ва ҳамвор кардани кишт.

**СИХМОЛАРОНӢ** سیخماله‌رانی *ниг.* **сихмолакунӣ**.

**СИХПАР** سیخپر парандаи акнун болу пар баровaрда истода; **сихпар шудан** нав болупар баровардан.

**СИХРОҲА** سیخ‌راهه пайраҳаи борик.

**СИХРӮДА** سیخروده *анат.* рӯдаи ғафс.

**СИХЧА** سیخچه сихи майда, сихи калта, сихи хурд; **сихча зада баромадани мӯй** нав неш зада баромадани муй.

**СИҲАТ** صحت 1. тандурустӣ саломатӣ. 2. тандуруст, саломат; **сиҳату саломат** тандуруст ва баофият; **сиҳат ёфтан (шудан)** тандуруст шудан, аз беморӣ шифо ёфтан.

**СИҲАТБАХШ** صحت‌بخش он ки ва ё он чи дармон мебахшад.

**СИҲАТЁБАНДА** صحت‌یابنده он ки ва ё он чи сиҳат меёбад.

**СИҲАТЁБӢ** صحت‌یابی шифо ёфтан, сиҳат шудан.

**СИҲАТӢ** صحتی саломатӣ, тандурустӣ.

**СИҲАТКУНАНДА** صحت کننده *ниг.* **сиҳатбахш.**

**СИҲАТШАВАНДА** صحت‌شونده *ниг.* **сиҳатёбанда**.

**СИҲАТШАВӢ** صحت شوی шифоёбӣ, тандуруст

шудан.

**СИҲҲАТ** *а.* صحت *ниг.* **сиҳат**.

**СИҲИҚАД** سهی‌قد *кит.* соҳиби қомати баланди зебо.

**СИҲИСАРВ** سهی‌سرو *ниг.* **сиҳиқад**.

**СИҲӢ//САҲӢ** *а.* صحی *кит.* рост, баланд, ростқомат; **сарви сиҳӣ** сарви рости баланд.

**СИҲОМ** *а.* سهام *ҷ.* **саҳм**.

**СИҶИЛ** سجل *кҳн.* санади расмӣ, ҳукми қозӣ; **хати сиҷил** хати расмӣ дар бораи бартарафшавии мурофиае.

**СИҶН** *а.* سجن *кит.* зиндон, маҳбас.

**СИЮМ** سیوم *шумораи тартибӣ аз* сӣ.

**СИЮМИН** سیومین *ниг.* **сиюм**.

**СИЮРҒОЛ** *т.* سیورغال *таър.* замини аз тарафи подшоҳон ба касони алоҳида бахшидашудаи озод аз хироҷ.

**СИЯР** *а.* سیر 1. *ҷ.* **сират**. 2. шарҳи ҳол ва сифоти гузаштагон (*бештар авлиё*).

**СИЯҲ** سیه *ниг.* **сиёҳ**.

**СИЯҲАК** سیهک *ниг.* **сиёҳак**.

**СИЯҲБАХТ** سیه‌بخت *ниг.* **сиёҳбахт**.

**СИЯҲБОДОМ** سیه‌بادام чашмони бодомшакли сиёҳ.

**СИЯҲГИЛЕМ** سیه‌گلیم *ниг.* **сиёҳгилем**.

**СИЯҲГӮШ** سیه گوش *ниг.* **сиёҳгӯш**.

**СИЯҲДИЛ** سیه‌دل *ниг.* **сиёҳдил**.

**СИЯҲДИЛӢ** سیه‌دلی *ниг.* **сиёҳдилӣ**.

**СИЯҲӢ** سیهی *ниг.* **сиёҳӣ**.

**СИЯҲКОМ** سیه‌کام бадбахт, бебахт, бетолеъ,бетавфиқ.

**СИЯҲКОМӢ** سیه‌کامی бадбахтӣ, бетолеъгӣ.

**СИЯҲКОР** سیه‌کار *ниг.* **сиёҳкор**; бадкор, фосиқ, бадтинат; золим.

**СИЯҲКОРӢ** سیه‌کاری *ниг.* **сиёҳкорӣ**.

**СИЯҲКОСА** سیه‌کاسه *ниг.* **сиёҳкоса**.

**СИЯҲКӮШ** سیه کوش бадхоҳ, бадкор, ҷинояткор.

**СИЯҲМАСТ** سیه‌مست масти аласт, масту мадҳуш.

**СИЯҲНОМ** سیه‌نام *ниг.* **сиёҳном**.

**СИЯҲНОМА** سیه‌نامه *ниг.* **сиёҳнома**.

**СИЯҲНОМӢ** سیه‌نامی *ниг.* **сиёҳномӣ**.

**СИЯҲОЛУ** سیه‌آلو олуи сиёҳ.

**СИЯҲПИСТОН** سیه‌پستان *кит.* зане, ки кӯдаконаш дар тифлӣ мемиранд.

**СИЯҲПӮШ** سیه‌پوش *ниг.* **сиёҳпӯш**.

**СИЯҲРАНГ** سیه‌رنگ *ниг.* **сиёҳранг**.

**СИЯҲРИШ** سیه ریش *ниг.* **сиёҳриш**.

**СИЯҲРӮЗ** سیه‌روز *ниг.* **сиёҳрӯз**.

**СИЯҲРӮЗГОР** سیه روزگار *ниг.* **сиёҳрӯзгор**.

**СИЯҲРӮЗӢ** سیه روزی *ниг.* **сиёҳрӯзӣ**.

**СИЯҲРӮ(Й)** سیه‌رو(ی)*ниг.* **сиёҳрӯй**.

**СИЯҲСАР** سیه‌سر *ниг.* **сиёҳсар**.

**СИЯҲСИТОРА** سیه ستاره бадбахт, бетолеъ.

**СИЯҲТОБ** سیه‌تاب *ниг.***сиёҳтоб**.

**СИЯҲФОМ** سیه فام *ниг.* **сиёҳфом**.

**СИЯҲХОК** سیه‌خاک *ниг.* **сиёҳхок**.

**СИЯҲЧАРДА** سیه‌چرده *ниг.* **сиёҳчарда**.

**СИЯҲЧАШМ** سیه‌چشم *ниг.* **сиёҳчашм**.

**СИЯҲЧЕҲРА** سیه‌چهره *ниг.* **сиёҳчеҳра**.

**СИЯҲЧОЛ** سیه چال 1. чоҳи торик; зиндони чоҳмонанди торик. 2. *маҷ.* лойи бисёр сиёҳ, сияҳлой.

**СИЯҲҶОМА** سیه‌جامه 1. дорои ҷомаи сиёҳ, он ки ҷомаи сиёҳ пӯшидааст. 2. *кит.*, *маҷ.* азодор, мотамгирифта.

**СӢ** سی адад, се карат даҳ, 30.

**СКАФАНДР** *фр.* سکفندر либоси махсуси ғаввосон ва кайҳоннавардон.

**СКЕПТИТСИЗМ** *ю.* سکپتتسیزم *фалс.* равияи фалсафӣ, ки ҳама гуна имконияти дарк ва дарёфти воқеияти обективиро инкор мекунад.

**СКИПИДАР** *р.* سکپیدر моеи тундбӯе, ки аз тақтири самғи дарахтони сӯзанбарг ҳосил мешавад.

**СКЛЕРОЗ** *ю.* سکلیراز *тиб.* беморие, ки аз иллатёбии (сахтшавии) бофтаи баъзе узвҳо пайдо мешавад.

**СКРИПКА** *р.* سکریپکه *мус.* навъе аз ғиҷҷак.

**СЛАВЯНӢ** سلوینی *мансуб ба* **славянҳо**: **забонҳои славянӣ**.

**СЛАВЯНШИНОС** سلوینشناس мутахассиси забоншинос, ки забонҳои славяниро меомӯзад ва таҳқиқ мекунад.

**СЛАВЯНШИНОСӢ** سلوینشناسی илме, ки забонҳои славяниро меомӯзад.

**СЛОВАКӢ** سلاوکی *мансуб ба* **словакҳо**.

**СМЕТА** سمیته *ниг.* **баровард**, **харҷнома**.

**СНАЙПЕР** *англ.* سنیپر тирандози моҳир, нишонзан, ҳадафгир.

**СОАТ** *а.* ساعت 1. асбоб барои паймоиши вақт дар тӯли як шабонарӯз, вақтсанҷ: **соати бағалӣ, соати деворӣ, соати дастӣ, соати обӣ, соати регӣ** *ва г.* 2. миқёси замон, як ҷузъ аз бисту чор ҷузъи як шабонарӯз, ки 60 дақиқа аст; **соат ба соат** ҳар дам, ҳар замон, дам ба дам; **ҳамон соат** ҳамон дам, дарҳол.

**СОАТБАЙЪ** ساعتبیع аз ҳисоби ҳар соати коре; **музди соатбайъ** музде, ки ба ҳар соати коре пардохта мешавад.

**СОАТКИСА** ساعتکیسه кисаи хурди бағалӣ дар либос барои нигоҳ доштани соат.

**СОАТСОЗ** ساعتساز устои созандаи соат ва таъмиркунандаи он.

**СОАТСОЗӢ** ساعتسازی амал ва шуғли соатсоз.

**СОБИҚ** *а.* سابق 1. гузашта, пешина, пештара. 2. дар замони пеш, дар гузашта.

**СОБИҚА** *а.* سابقه гузашта, рӯйдода, воқеъшуда; пештара; **одати собиқа** одати пештара; **собиқа надоштан** дар собиқ (гузашта) маъмул ва ҷорӣ набудан.

**СОБИҚАН** *а.* سابقاً дар собиқ, пеш, дар гузашта.

**СОБИҚУЗЗИКР** *а.* سابق‌الذکر зикрёфта пеш аз чизе, дар гузашта зикршуда.

**СОБИР** *а.* صابر сабркунанда, батоқат, бобардошт, шикебо.

**СОБИРӢ** صابری сабру тоқат, шикебоӣ.

**СОБИРОНА** صابرانه аз рӯи сабру тоқат, батоқат.

**СОБИТ** *а.* ثابت 1. устувор, маҳкам, мустаҳкам, пойдор. 2. барқароршуда, исботёфта; **собит будан** а) аниқ маълум будан; б) пойдор будан, барқарор истодан. 3. *нуҷ.* ситора ва ё ҷирми осмоние, ки беҳаракат аст. *муқ.* **сайёра**; **собит кардан (намудан)** чизеро ба санад ва далелҳо тайид кардан, ба субут расонидан; **собит шудан** исбот ёфтан.

**СОБИТАЗМ** ثابت‌عزم он ки дар азми худ устувор бошад.

**СОБИТҚАДАМ** ثابت‌قدم пойдор, матин, устувор (касе дар коре ё фикре).

**СОБИТҚАДАМӢ** ثابت‌قدمی устуворӣ, пойдорӣ, матонат (*дар иҷрои коре*).

**СОБИТҚАДАМОНА** ثابت‌قدمانه бо пойдорӣ, бо устуворӣ

**СОБИТРОЙ** ثابت‌رأی он, ки дар ақидаи худ побарҷост.

**СОБОТ** سابات бинои тарафи пешинаш кушода; ҷои болопӯшидаи чор сӯяш кушода.

**СОБОТНОК** ساباتناک дорои собот, пешайвондор.

**СОБУН** *ю.* صابون ҷисми сахте, ки аз чарбу ва ишқорҳои гуногун тайёр карда бо он дастурӯ ва либос мешӯянд; **собуни алқундӣ** боқимондаи собуни истеъмол шуда; **собуни мушкин** собуни атр; **бо собуни** *касе* **ҷомашӯӣ кардан** а) кореро бо дасти (воситаи) касе иҷро кардан; б) бо касе сару кор доштан.

**СОБУНАК** صابونک *ниг.* **буғма** II.

**СОБУНГАР** صابونگر *ниг.* **собунпаз**.

**СОБУНГАРӢ** صابونگری *ниг.* **собунпазӣ**.

**СОБУНПАЗ** صابونپز он ки собун истеҳсол мекунад.

**СОБУНПАЗӢ** صابونپزی 1. амал ва шуғли собунпаз. 2. ҷое ё муассисае, ки дар он ҷо собун истеҳсол карда мешавад.

**СОБУНПАЗХОНА** صابونپزخانه биное, ки дар он собун пазанд.

**СОБУНШӮӢ** صابونشوئی **:собуншӯӣ кардан** бо собун шустан.

**СОБУТА** صابوته//ساپوته зани пир, пиразан.

**СОВ** ساو филизмайдае, ки дар натиҷаи совидани оҳан бо суҳон пайдо мешавад, оҳансов.

**СОВ(А)** ساو//ساوه холис (*дар бораи тилло*); тиллои реза–реза.

**СОВАРӢ** ساوری тӯҳфа, ато, инъом, ҳадя.

**СОВЕТӢ** ساویتی *кҳн., ниг.* **шӯравӣ**.

**СОВИДАН** ساویدن *ниг.* **соидан**, **судан**.

**СОВЛИҚ** *т.* ساولق *гуфт.* гӯсфанди мода, меш.

**СОВХОЗ** ساوخاز *кҳн.* хоҷагии шӯравӣ–муассисаи сотсиалистии давлатӣ дар кишоварзӣ.

**СОҒ** ساغ *гуфт.* солим, саломат, тандуруст.

**СОҒАР** ساغر зарфи шаробнушӣ, пиёла, қадаҳ.

**СОҒАРКАШ** ساغرکش он ки май ба соғар мерезад.

**СОҒАРКАШӢ** ساغرکشی майхӯрӣ, майкашӣ.

**СОҒУ** ساغو 1. зарфи чӯбин барои гирифтани об, лабаниёт *ва г.* 2. ченаки ҳаҷм: **як соғу орд** даҳ соғу чой.

**СОҒУТАРОШ** ساغوتراش он ки аз чӯб соғу месозад.

**СОҒУТАРОШӢ** ساغوتراشی кор ва амали соғутарош.

**СОД** صاد *номи ҳарфи ҳабдаҳуми алифбои арабиасоси тоҷикӣ, ки дар ҳисоби абҷад ба адади 90 баробар аст.*

**СОДА** I *ит.* ساده *хим.* моддаи сафеди ишқордор.

**СОДА** II ساده 1. бенақшу нигор, бероиши зиёдатӣ, соф; ғайримураккаб, одӣ. 2. бетакаллуф, бедабдаба, одӣ; муқаррарӣ. 3. покдил, поктинат; *муқоб.* **ҳилагар.** 4. *маҷ.* нодон, гӯл, содалавҳ, камақл, зудбовар. 5. *маҷ.* ҷавони ришу мӯйлаб набаровstyleарда, бериш; **ҷумлаи сода** *збш.* ҷумлаи ғайримураккаб; **сода кардан** осон кардан; саҳл гардонидан.

**СОДАГӢ** سادگی 1. одигӣ, бетакаллуфӣ. 2. содадилӣ, нофаҳмӣ, гӯлӣ; **содагӣ кардан** содалавҳона рафтор кардан, нодонӣ кардан.

**СОДАДИЛ** سادهدل *ниг.* **сода** 3, 4.

**СОДАДИЛӢ** سادهدلی 1. покдилӣ, софтинатӣ. 2. нодонӣ, гӯлӣ.

**СОДАДИЛОНА** سادهدلانه 1. аз рӯи покдилӣ ва софтинатӣ. 2. аз рӯи нодонӣ ва зудбоварӣ.

**СОДАЗАНАХ** سادهزنخ *кит.* ҷавоне, ки ҳанӯз ришу мӯйлаб набаровардаст.

**СОДАИЗОР** سادهعذار 1. содарӯй, софрӯй. 2. *маҷ.* зебо.

**СОДАИЗОРӢ** سادهعذاری 1. содарӯӣ, тозарӯӣ, софрӯӣ. 2. *маҷ.* хушрӯӣ.

**СОДАЛАВҲ** ساده لوح *киноя аз* содадил, нодон, гӯл.

**СОДАЛАВҲӢ** ساده لوحی содадилӣ; гӯлӣ.

**СОДАЛАВҲОНА** ساده لوحانه *ниг.* **содадилона**.

**СОДАНАВИСӢ** سادهنویسی фикри худро бе ороиши печдарпечи лафзӣ соф ва фаҳмо ба қалам овардан.

**СОДАРАФТОР** سادهرفتار 1. он ки холисона муносибат мекунад, беғараз. 2. бефикр, камақл.

**СОДАРАФТОРӢ** ساده رفتاری *исми амал аз* **содарафтор**.

**СОДАРӮ(Й)** ساده‌رو(ی) *кит.*, *маҷ.* зебо, хушрӯй.

**СОДАРӮӢ** ساده روئی зебоӣ, хушрӯӣ.

**СОДИҚ** *а.* صادق 1. ростгӯй, росткор; самимӣ, вафодор; **дӯсти содиқ**, **субҳи содиқ** сапедаи саҳарӣ.

**СОДИҚҚАВЛ** صادققول ростгӯй; ба гуфтаи худ устувор.

**СОДИҚОНА** صادقانه аз рӯи ростию дурустӣ, вафодорона, бо садоқат, бо самимият.

**СОДИҚУЛҚАВЛ** *а.* صادق القول ростгӯй, ростгуфтор, мӯътамад, ростқавл.

**СОДИР** *а.* صادر 1. берун бароянда, берунраванда; *муқоб.* **ворид**. 2. баромада, рӯйдода, воқеъгардида; **содир шудан** а) рӯй додан, воқеъ гардидан, ба амал омадан; б) баромадан.

**СОДИРА** *а.* صادره *муаннаси* **содир**; номаи берунраванда; *муқоб.* **ворида**.

**СОДИРКУНАНДА** صادرکننده кишваре, ки амвол ё дигар дороии худро ба кишварҳои дигар содир мекунад: **созмони кишварҳои содиркунан-**

**даи нафт**.

**СОДИРОТ** *а.* صادرات молҳое, ки аз мамлакате ба мамлакати дигар ирсол мешавад.

**СОДИРОТӢ** صادراتی содиршуда, содиршаванда; **амволи содиротӣ**.

**СОДОТ** *а.* سادات *ҷ.* **сайид.**

**соз** ساز 1. *асоси замони ҳозира аз* **сохтан**; асбоб, анҷом; об ҷиҳоз, сомон **созу барг** асбобу анҷом, лавозимот, **созу барги ҷанг** аслиҳа ва лавозимоти ҷанг. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* кунанда, созанда: **соатсоз, роҳсоз**.

**СОЗ** I ساز *мус.* 1. номи умумии асбобҳои **торӣ** (*танбӯр, дутор ва г.*). 2. *умуман* асбоби мусиқӣ. 3. оҳанг, наво; **созу овоз, созу суруд** навохтан ва сурудан; **ба сози** *касе* **рақсидан** *маҷ.* ба гуфтаи касе кӯркӯрона тобеъ шуда коре кардан, беирода будан.

**СОЗ** II ساز 1. тайёр, омода. 2. муносиб, мувофиқ, хуб; **соз будан** мувофиқ будан, мусоид будан; **соз кардан (намудан)** а) тайёр кардан, омода намудан; б) ба тартиб даровардан, мувофиқ гардонидан (*чизеро бо чизе*); ҷӯр кардан; в) кореро чусту чолок ва нағз ба ҷо овардан; г) боб кардан; кореро хеле моҳирона ба ҷо овардан; д) подоши кори бади касеро додан, адаби касеро додан.

**СОЗАНДА** I سازنده он ки чизеро сохтааст ё месозад, бинокунанда, эҷодгар.

**СОЗАНДА** II سازنده markaznavoz, мусиқинавоз; **созандаву бозанда** навозанда ва рақсанда.

**СОЗАНДАГӢ** سازندگی амали созанда I , II.

**СОЗАНДАКОР** سازنده کار корсоз, таҷрибакор.

**СОЗВАР** سازور сохта ва омода, ба тартиб овардашуда; созгор, мувофиқ.

**СОЗВОР** سازوار *ниг.* **созгор**.

**СОЗВОРӢ** سازواری *ниг.* **созгорӣ**.

**СОЗГОР** سازگار муносиб, мувофиқ, боб; **созгор омадан** мувофиқ будан, боб будан.

**СОЗГОРӢ** سازگاری созиш, мувофиқат, боб будан.

**СОЗИДАН** سازیدن тайёр кардан, фароҳам овардан; сохтан.

**СОЗИШ** سازش 1. *исми феълӣ аз* **сохтан**. 2. муросо. 3. мувофиқат, дар бораи коре ба як қарор омадан; **созиш кардан** мувосо кардан, мувофиқат кардан, дар бораи масъалае ба як фикр (қарор) омадан.

**СОЗИШГАР** سازشگر *ниг.* **созишкор**.

**СОЗИШГАРӢ** سازشگری *ниг.* **созишкорӣ**.

**СОЗИШГАРОНА** سازشگرانه *ниг.* **созишкорона**.

**СОЗИШКОР** سازشکار он ки дар коре роҳи муросо ва созишро пеш мегирад, бо роҳи муторикаву мусолиҳа раванда, созишкунанда, мувосокунанда.

**СОЗИШКОРӢ** سازشکاری 1. муросогарӣ. 2. мувофиқат.

**СОЗИШКОРОНА** سازشکارانه бо роҳи мувосо ва созиш.

**СОЗИШКУНӢ** سازش کنی *ниг.* **созишкорӣ.**

**СОЗИШНОМА** سازشنامه ҳуҷҷат дар бораи созиш дар масъалае.

**СОЗИШНОПАЗИР** سازشناپذیر мувофиқанашаванда; ба созиш нарасанда.

**СОЗМОН** سازمان маҷмӯи дастгоҳ, шӯъба ва кормандони як идора ё як ташкилот, муассиса: **Созмони Милали Муттаҳид, созмони ғайридавлатӣ, созмон додан** ташкил кардан, таъсис намудан; **созмон ёфтан** ташкил гардидан, таъсис ёфтан.

**СОЗМОНДЕҲ** سازمانده ташкилкунанда, таъсисдиҳанда.

**СОЗМОНДИҲАНДА** سازماندهنده *ниг.* **созмондеҳ.**

**СОЗМОНДИҲӢ** سازماندهی созмон додан, ташкил намудан.

**СОЗОНДАН** سازاندن *феъли бавосита аз* **сохтан**; чизеро ба касе фармуда сохтан.

**СОЗУ** سازو *кит.* 1. лифи хурмо. 2. ресмони маҳкаме, ки аз лифи хурмо мебофанд.

**СОИБ** *а.* صایب//صائب *кит.* ростров, раванда бо роҳи рост, бо ростӣ ба мақсад расанда.

**СОИБРАЪЙӢ** صائبرأیی дурустмулоҳиза, хирадманд.

**СОИБРОЙ//СОИБРАЪЙ** صائبرای//صایبرأی дурустрой, дурустфикр, он ки мулоҳизаи дуруст

дорад; доно.

**СОИБТАДБИР** صائب‌تدبیر дурусттадбир; доно, ҳушёр.

**СОИҒ** *а.* صایغ *кит.* ҷавҳарӣ; ҷавоҳирфурӯш; заргар.

**СОИД** I *а.* صاعد банди даст то оринҷ.

**СОИД** II *а.* صائد сайёд, шикорчӣ.

**СОИД** III *а.* ساعد болораванда, суудкунанда.

**СОИДАН** سائیدن *ниг.* **судан**.

**СОИДСАФЕД** ساعدسفید сафедбозу.

**СОИҚ** *а.* سائق савқдиҳанда, ронанда; баранда; тарғибкунанда.

**СОИҚА** I *а.* صاعقه *кит.* оташак, барқ.

**СОИҚА** II *а.*سائقه баранда, савқдиҳанда; сабабгор.

**СОИҚАБОР** صاعقه بار оташбор; кушанда.

**СОИЛ** I *а.* سائل//سایل *кит.* 1. суолкунанда, пурсанда. 2. *маҷ.* садақапурс, гадо.

**СОИЛ** II *а.* سائل саялонкунанда, равон ва ҷоришаванда.

**СОИЛӢ** سائلی гадоӣ, садақапурсӣ.

**СОИМ** I *а.* صایم *кит.* 1. он ки рӯза гирад, рӯзагир, рӯзадор. 2. яке аз рӯдаҳо, ки пас аз рӯдаи дувоздаҳангӯшта қарор дошта ба он пайваст аст, кӯрруда.

**СОИМ** II *а.* سائم *кит.* чаранда, алафхӯр.

**СОИН** *а.* صائن сиёнаткунанда, нигаҳбоникунанда, нигоҳдоранда.

**СОИР** I *а.* سائر дигар, боқимондаи гурӯҳе ё чизе; **сайри** ... дигар, боқӣ.

**СОИР** II *а.* سائر 1. сайркунанда, раванда; **соиру тоир** а) раванда ва парвозкунанда; б) *маҷ.* махлуқот. 2. *маҷ.* машҳур, шоеъ.

**СОИС** *а.* سائس 1. идоракунанда. 2. он ки ба ҷазои сахт (*ҳамчун куштан*) мерасонад, ҷаббор, ҷаллод.

**СОИШ** سایش *исми феълӣ аз* **соидан, судан**.

**сой** سای *асоси замони ҳозира аз* **соидан, судан.**

**СОЙ** سای *гуфт.* 1. наҳр, ҷуи калон, ҷӯйбор. 2. маҷро, селроҳа, ҷарӣ.

**СОКИБ** *а.* ساکب резанда; резон, ҷорӣ; **дамъи сокиб** ашки равон.

**СОКИН** ساکن 1. беҳаракат, наҷунбанда, ором, сокит. 2. бошанда, иқоматкунанда дар ҷое; **сокини Бухоро; сокини хонақоҳ; сокин шудан** (*дар ҷое*) ҷой гирифтан, муқимӣ шудан. 3. *кит.* аломати сокин (ْ), ки болои ҳарфҳои ҳамсадои арабӣ гузошта шуда, ҳиҷоро мебандад.

**СОКИНАК** ساکنک *кит.* оҳиста, оҳистакак, секинак.

**СОКИНРАГ** ساکنرگ ором, ром, явош (*дар бораи асп*).

**СОКИТ** ساکت хомӯш, ором, овоз набароварда, бесадо; **сокит мондан** аз гап боз истодан, гап назадан; **сокит шудан** хомӯш шудан, аз сухан боз истодан, дам фурӯ бастан.

**СОКИТӢ** ساکتی оромӣ, хомӯшӣ.

**СОКИТОНА** ساکتانه ба хомӯшӣ, овоз набароварда; оромона.

**СОКӮЛ** ساکول *лаҳҷ.* 1. машғул, андармон, саргарм (*бо коре, ё тамошои манзарае*). 2. машғулият, василаи андармонӣ ва саргармӣ; **сокӯл будан** машғул будан, андармон будан.

**СОҚ** I *а.* ساق аз сари буҷул то сари зонуи одам; **соқи по, соқи мӯза**.

**СОҚ** II *а.* ساق *ниг.* **соқа** I.

**СОҚА** I *а.* ساقه 1. пояи растанӣ (гандум, гул *ва г.*), тана. 2. поя (*мас., пояи чорпоя*).

**СОҚА** II *а.* ساقه *кит.* қисми ақибгарди лашкар, он қисми лашкар, ки аз ақиби қисми асосӣ меояд, ақибгард.

**СОҚА** III *а.* ساقه *кит.* зонубанди оҳанин.

**СОҚИБ** *а.* ثاقب равшан, дурахшон.

**СОҚИНОМА** ساقی‌نامه *адш.* маснавӣ дар васфи май.

**СОҚИТ** ساقط 1. афтода. 2. бекоршуда, ба ҳисоб гирифтанашаванда; **соқит кардан** бекор кардан, ба ҳисоб нагирифтан; **аз гардан соқит кардан** коре ё масъулияти чизеро аз зиммаи худ дур кардан.

**СОҚИЯ** *а.* ساقیه *ниг.* **соқа** II.

**СОҚӢ** *а.* ساقی 1. *кит.* обдеҳ. 2. майкаш, шаробкаш.

**СОЛ** I سال 1. муддати як бор давр задани Замин ба даври Офтоб, ки 12 моҳи тақвимист ва ба чаҳор фасл тақсим мешавад; **соли нав** оғози соли тақвимӣ, ки одатан ҷашн гирифта мешавад; **соли кабиса** соли пурраи шамсӣ – мелодӣ, ки 366 рӯз буда дар чор сол як бор такрор меёбад, соли кабиса моҳи феврал 29 рӯз мешавад; **сол аз сол** аз як сол то соли дигар ; то рафт; **он солҳо** дар он айём, дар он даврон; **солҳои сол** солҳои гузаштаи бисёр, муддати зиёд; **сол (аз) дувоздаҳ моҳ** дар муддати тамоми сол, доимо, ҳамеша; **оши сол** маросиме, ки ба муносибати солгарди аввали мурдаи касе дода мешавад; **сол додан** маросими сари соли вафоти касеро қайд кардан. 2. син, синну сол. 3. сана, таърих: **соли вафот, соли таваллуд, соли қаҳт(ӣ)**.

**СОЛ** II سال *ниг.* **сал**.

**СОЛБАНД** سالبند *ниг.* **солбар**.

**СОЛБАР** سالبر дарахте, ки солдармиён бор меоварад ва як сол бор намеоварад.

**СОЛГАРД** سالگرد гузашти сол; сари сол; **солгарди ҷашни истиқлол, 800–умин солгарди таваллуди Мавлоно Ҷалолиддини Балхии Румӣ**.

**СОЛГАРДОНӢ** سالگردانی ҳисоби солшумории умри касе аз рӯи ҳисоби бурҷҳо (*даври солшумории ҳайвонот*).

**СОЛГАШТ** سالگشت *ниг.* **солгард**.

**СОЛҒУТ** سالغوت *ниг.* **солиғ**.

**СОЛДИДА** سالدیده одами миёнасол на ҷавону на пир.

**СОЛДОР** سال دار *ниг.* **солхӯрда.**

**СОЛЕҲ** *а.* صالح *кит.* покдил, покдоман, парҳезгор, нек, некӯкор.

**СОЛЕҲОНА** صالحانه покдилона, бовиҷдонона.

**СОЛИБ** *а.* سالب инкоркунанда, нафйкунанда, мункир.

**СОЛИҒ** *а.* سالغ *таър.* андози даромади ҳарбиёт.

**СОЛИЁН** سالیان *ҷ.* **сол**; солҳо, солҳои бисёр.

**СОЛИЁНА** سالیانه 1. *ниг.* **солона**. 2. маоше, ки соле як бор пардохта мешавад.

**СОЛИК** *а.* سالک *кит.* 1. раванда, роҳрав. 2. пайрави тариқати сӯфия.

**СОЛИМ** *а.* سالم сиҳат, саломат, тандуруст; дуруст, беайб; **солим мондан** сиҳату саломат будан, беайбу нуқсон баромадан (*аз бемор ё фалокате*).

**СОЛИМАҚЛ** سالمعقل он ки дуруст фикр ва муҳокима меронад, он ки фаъолияти ақлониаш нуқсе надорад.

**СОЛИМАҚЛӢ** سالم عقلی дурустфикрӣ, ростандешӣ.

**СОЛИМАН** *а.* سالماً ба саломатӣ, дар ҳолати тандурустӣ; бе айбу бе офате.

**СОЛИМГАРДОНӢ** سالمگردانی беҳбудӣ бахшидан, беҳтар кардан: **солимгардонии иқтисод**.

**СОЛИМӢ** سالمی сиҳатӣ, тандурустӣ, саломатӣ, дурустӣ, беайбу бенуқсонӣ.

**СОЛИМФИКР** سالمفکر он ки фикри солим дорад.

**СОЛИМФИКРӢ** سالمفکری *ниг.* **солимақлӣ**.

**СОЛИНАВӢ** سالنوی *мансуб ба* соли нав; **тӯҳфаи солинавӣ**.

**СОЛИС** *а.* ثالث *кит. шумораи тартибӣ* сеюм.

**СОЛИСАН** *а.* ثالثاً *кит.* сеюм, сеюм ин ки…

**СОЛИФ** *а.* سالف *кит.* гузашта, пешина, собиқ.

**СОЛМАНД** سالمند *ниг.* **солхӯрда**.

**СОЛНОМА** سالنامه 1. китобчае, ки дар он хулосаи ахбор ва маълумоти яксола қайд ёфтааст. 2. тақвим.

**СОЛНОМАНАВИС** سالنامه‌نویس он ки ахбор ва воқеаҳоро сол ба сол қайд ва сабт мекунад, воқеанигор.

**СОЛНОМАНАВИСӢ** سالنامه‌نویسی солнома навиштан, воқеанигорӣ кардан.

**СОЛОЗМОЙ** سال آزمای корозмуда, таҷрибадор.

**СОЛОНА** سالانه 1. яксола: **нақшаи солона, ҳисоботи солона**. 2. ҳарсола, он чи ҳар сол дода ё гирифта мешавад: **андози солона, музди солона**.

**СОЛОР** سالار сардор, бузурги қавм, пешво.

**СОЛРӮЗ** سالروز *ниг.* **солгард**.

**СОЛУ** سالو *кҳн.* порчаи сафеди тунук, ки барои либоси занона ва дастор ба кор мерафтааст, дока

**СОЛУК** *а.* سالوک *кит.* раванда, мусофир, сайёҳ.

**СОЛУС** سالوس *кит.* 1. риёкор, фиребгар. 2. риё, фиреб.

**СОЛУСӢ** سالوسی риёкорӣ, фиребгарӣ, маккорӣ.

**СОЛХӮРДА** سالخورده солдида, куҳансол, пир.

**СОЛХӮРДАГӢ** سلخوردگی пирӣ, куҳансолӣ.

**СОЛШУМОРӢ** سالشماری мизони гузашти солҳо аз як вақти маълум: **солшумории мелодӣ, солшумории ҳиҷрӣ**.

**СОМ** I سام *кҳн.* варам, омос, сарсом, барсом.

**СОМ** II سام воҳиди пули Қирғизистон.

**СОМ(М)** *а.* سام *кит.* заҳролуда, олуда бо заҳр, заҳрогин.

**СОМЕА** *а.* صامعه 1. шунавоӣ, қувваи шунавоӣ. 2. гӯш.

**СОМЕҲ** *а.* سامح ҷавонмард, сахӣ, саховатманд.

**СОМЕЪ** *а.* صامع 1. шунаванда, гӯшкунанда. 2. дар баъзе мактабҳои олӣ талабаи ғайрирасмӣ.

**СОМИН** *а.* ثامن *кит. шумораи тартибӣ* ҳаштум.

**СОМИТ** *а.* صامت 1. хомӯш, сокит. 2. ҳарфи бе ҳаракат

**СОМӢ** I سامی 1. *мансуб ба* **сом**; **забонҳои сомӣ -** гурӯҳи забонҳои ба ҳам наздики халқҳои сокин дар ҷануби ғарбии Осиё ва Шимоли Африқо (*арабӣ, сурӣ, яҳудӣ ва г.*).

**СОМӢ** II سامی олӣ, олидараҷа, олимиқдор.

**СОМОН** سامان 1. тартиб, интизом; **ба сомон** батартиб, мунтазам, дуруст. 2. молу мулк, дороӣ асбобу ускуна. 3. макон, маҳал, ҷой; **бо сару сомон** батартиб, сариштакор, осуда; **ба сомон шудан** ба назму интизом даромадан, осуда гардидан; **бе сару сомон шудан** а) назму тартиби худро гум кардан, бесаришта шудан; б) бехонаю ҷой шудан.

**СОМОНА** سامانه *итт.* сайти интернетӣ, шабакаи иттилоотии ягон муассиса ё марказ ва ё шахси воқеӣ.

**СОМОНИЁН** سامانیان *ҷ.* **сомонӣ**: **давлати Сомониён**.

**СОМОНӢ** I سامانی *мансуб ба* **Сомониён**.

**СОМОНӢ** II سامانی воҳиди пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 1 сомонӣ ба 100 дирам баробар аст.

**СОМОНОЛОТ** سامانآلات асбоб, таҷҳизот.

**СОМОНСӮЗ** سامانسوز *кит.* харобиовар, ҳалокатовар.

**СОН** I سان 1. даст. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* ҳамсонӣ: **девсон**.

**СОН** II سان 1. тавр, навъ, тарз, хел, гуна. 2. монанд, мисл; **ба сони…** ба монанди…, **ин сон** ин хел, ин тавр; **чӣ сон** чи хел, чигуна; **як сон** як хел.

**СОН** III سان *гуфт.* рони гӯсфанд, гов *ва г.*

**СОН** IV سان як навъ матоъ, сатини сафед.

**СОН** V سان санги фасон, санге, ки бо он корд, шамшер *ва г.* тез мекунанд; санг задан **сон задан** қайроқ задан,.

**СОНАТА** *ит.* سانته *мус.* навъе аз асари мусиқавӣ, ки аз се ё чор қисми гуногун ва оҳанг таркиб меёбад.

**СОНЕТ** *ит.* سانیت *адш.* дар назми аврупоӣ шеъри 14 мисраие, ки аз ду банди чормисраӣ ва ду банди семисраӣ таркиб меёбад.

**СОНЕЪ** *а.* صانع созанда, бавуҷудоранда, эҷодгар, офаринанда.

**СОНЕҲА** *а.* سانحه *кит.* ҳодиса, воқеа.

**СОНИЯ** *а.* ثانیه шастяки дақиқа.

**СОНИЯВӢ** ثانیوی сония ба сония.

**СОНИЯГАРД** ثانیهگرد дар соат ақрабак ё оинаест, ки шумори сонияҳоро нишон медиҳад.

**СОНИЯН** *а.* ثانیاً 1. сонӣ, баъд, баъд аз ин. 2. дуюм ин ки…

**СОНИЯСАНҶ** ثانیهسنج олоте, соате, ки гузашти вақтро бо сонияҳо нишон медиҳад.

**СОНИЯШУМОР** ثانیهشمار *ниг.* **сониясанҷ**.

**СОНӢ** *а.* ثانی баъд, пас, пас аз он; сонитар

баъдтар, баъди гузашти замоне…

**СООТ** *а.* ساعات *ҷ.* **соат**.

**сор** سار *збш.* 1. *пасванд.* 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* зиёдии чизе дар ҷое: **кӯҳсор**, **сангсор**, **чашмасор**. 3. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб, ки сифат месозад, ё ба калима маънои монандиро* медиҳад: **шармсор**, **хоксор, девсор**. 4. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* сар: **нагунсор**.

**СОР** I سار номи парандаи хурдҷуссаи ҳашаротхӯр; соҷ.

**СОР** II *а.* سار *кит.* шутур, нока.

**СОРАНГ** سارنگ *мус.* 1. созест чун ғиҷҷак, ки бо камон навохта мешавад. 2. яке аз оҳангҳои дувоздаҳмақом.

**СОРАНҶ** سارنج *ниг.* **сор** I.

**СОРБОН** ساربان галабони шутурҳо, шутурбон.

**СОРБОНСАРОЙ** ساربان سرای *ниг.* **корвонсарой**.

**СОРБОНХОНА** ساربان‌خانه ҷои нигоҳбонии шутурҳо.

**СОРВОН** ساروان *ниг.* **сорбон**.

**СОРИҚ** *а.* سارق дузд.

**СОРИМ** *а.* صارم тез, бурро.

**СОРИФ** *а.* صارف сарфкунанда, харҷкунанда.

**СОРӢ** *а.* ساری *кит.* сирояткунанда, гузаранда (беморӣ).

**СОРУҶ** سارج омехтаи оҳак бо хокистар, ки дар бинокорӣ чун семент ба кор меравад.

**СОСКАН** ساسکن ходаи дарози чангчадор, ки бо он моҳиро зада сайд мекунанд: **соскан хӯрдан** *маҷ.* зарба хӯрдан, лат хӯрдан; дар вазъияти ногувор мондан.

**СОСОНИЁН** ساسانیان сулолаи шоҳаншоҳии Эрон, ки аз асрҳои I-II мелод то нимаи асри VI пеш аз Сомониён ҳукмронӣ карда буданд.

**СОСОНӢ** ساسانی *мансуб ба* **Сосониён**.

**СОТГИН** ساتگین *кҳн.* пиёлаи майнӯшӣ, қадаҳи калони майрезӣ.

**СОТЕЪ** *а.* ساطع *кит.* 1. дурахшон, габан. 2. ошкор, возеҳ, бурро.

**СОТИР** ساتر *кит.* пӯшонанда, пинҳонкунанда, рӯпӯшкунанда.

**СОТСИАЛИЗМ** *лот.* ساتسیئلیزم сохти ҷамъиятӣ ва низоми давлатдорӣ, ки адолати иҷтимоиро дар байни ҳамаи табақаҳои ҷомеа тарғиб мекунад.

**СОТСИАЛИСТ** *лот.* ساتسیئلیست узви ҳизби сотсиалист; пайрави маслаки сотсиалистӣ.

**СОТСИАЛИСТӢ** ساتسیئلیستی *мансуб ба* **сотсиализм**, бар усули сотсиалистӣ асосёфта: **давлати сотсиалистӣ**, **сохти сотсиалистӣ**.

**СОТУР** ساطور 1. қайчии токбурӣ; дасткола. 2. корди калони устухоншикани қассобон.

**СОФ** صاف 1. беғубор, беғаш, зулол, тоза, покиза: **оби соф, ойинаи соф, осмони соф, ҳавои соф; дили соф** дили пок ва беғараз. 2. тамоман, пурра; холис; **соф кардан** а) тоза ва пок кардан; б) тамом кардан; **соф шудан** а) тоза ва пок гаштан; б) тамом шудан.

**СОФГАВҲАР** صاف‌گوهر поктинатӣ, равшанзамирӣ, покдилӣ, ростӣ; беғашӣ, содиқӣ.

**СОФДИЛ** صاف‌دل он ки дилаш аз ғараз ва кина пок аст, покдил, бекина.

**СОФДИЛӢ** صاف‌دلی покдилӣ, бекинагӣ, беғаразӣ.

**СОФДИЛОНА** صاف‌دلانه бо дили пок ва беғараз.

**СОФЗАМИР** صاف‌ضمیر *ниг.* **софдил**.

**СОФИЛ** *а.* سافل *кит.* паст; *муқоб.* **олӣ**.

**СОФИСИРАТ** صافی‌سیرت покботин, поксират, софзамир, софдил.

**СОФИТИНАТ** صافی طینت *ниг.* **софтинат**.

**СОФИХАМИР** صافی خمیر поксиришт, поктинат.

**СОФИЯТ** *а.* صافیت покӣ, тозагӣ, беолоишӣ, беғашӣ; ҳалолӣ, поктинатӣ.

**СОФӢ** صافی 1. соф будан, зулолу пок будан, холисӣ, беолоишӣ. 2. асбоби соф кардан, поло. 3. оше, ки биринҷашро алоҳида ҷӯшонда, аз софӣ гузаронда, баъд дам мекунанд.

**СОФКОРӢ** صاف‌کاری аз поло гузаронидан, беғаллу ғаш гардонидан, зулол кардан (*мас. об*): **софкорӣ кардан**.

**СОФҚАЛБ** صاف قلب *ниг.* **софдил**.

**СОФМАШРАБ** صاف‌مشرب *кит.* софтинат, пок-

табиат, некӯсират.

**СОФТИНАТ** صافطینت софдил, поктинат.

**СОХТ** I ساخت 1.тарзи сохташудани чизе. 2. рехт, сохтор: **сохти бадан**. 3. низоми таркиби ҷамъиятӣ, давлатӣ: **сохти сармоядорӣ, сохти сотсиалистӣ**. 4. тайёр кардан, омода кардан, истеҳсол намудан, **пухту сохт** пухтану тайёр кардан. 5. *дар калимаҳои мураккаб тарз ва чигунагии сохта шудани чизеро нишон медиҳад*: **бадсохт, хушсохт**.

**СОХТ** II ساخت омодагӣ, тайёрӣ; тайёрӣ дидан, тайёр кардан.

**СОХТА** ساخته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **сохтан**. 2. дуруст кардашуда, сохташуда, омода тайёркардашуда. 3. сунъӣ, ҷаълӣ, қалбакӣ, дурӯғӣ; **номи сохта; ҳуҷҷати сохта; сохтаву бофта** ба тарзи дурӯғу қалбакӣ.

**СОХТАГӢ** ساختگی қаллобӣ, сохта будан, қалб будан.

**СОХТАКОР** ساخته‌کار он ки кори сохта мекунад; қаллоб, фиребгар.

**СОХТАКОРӢ** ساخته‌کاری қаллобӣ, фиребгарӣ.

**СОХТАКОРОНА** ساخته‌کارانه бо роҳи сохтакорӣ, бо қаллобӣ.

**СОХТАН** ساختن 1. бино кардан, бунёд намудан. 2. тайёр кардан, омода намудан; дуруст кардан. 3. тартиб додан, мураттаб намудан. 4. созиш кардан, мувосо кардан; сабру тоқат кардан. 5. *чун феъли ёридиҳанда дар феълҳои таркибии номӣ ба ҷои* кардан, намудан *омада метавонад:* **вонамуд кардан**, **вонамуд сохтан**.

**СОХТМОН** ساختمان 1. бино, иморат. 2. бино кардан, барпо намудан; бинокорӣ: **Вазорати сохтмон.**

**СОХТМОНӢ** ساختمانی *мансуб ба* **сохтмон**; барои сохтмон.

**СОХТОР** ساختار сохт, тартиб: **сохтори давлатӣ**, **сохторҳои қудратӣ**.

**СОХТУК** ساختوک *лаҳҷ.* поза, сипор, омоч.

**СОҲА** *а.* ساحه 1. майдон, ҷои фароху паҳновар, саҳни чизе. 2. ҳудуд, доира, гирдогирди ҷое (чизе). 3. арсаи хоси ягон фаъолият, илм, истеҳсолот *ва г.*: **соҳаи адабиёт, соҳаи назм, соҳаи савдо, соҳаи саноат, соҳаи чорводорӣ**.

**СОҲАВӢ//СОҲАГӢ** ساحوی//ساحگی *мансуб ба* **соҳа**.

**СОҲИБ** *а.* صاحب 1. дорандаи чизе, молик; **соҳиби хату савод** хатхон ва хатнавис, босавод; **соҳиб будан** *ба чизе* доро будан ба чизе, молик будан; *ба чизе* **соҳиб доштан** ба касе тааллуқдор будан, аз они касе будани чизе. 2. *ҷузъи пешини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* дорандаги: **соҳибдавлат**, **соҳибдевон (шоир)**, **соҳибкор**, **соҳибҷамол**.

**СОҲИБАДОЛАТ** صاحب‌عدالت боадолат, адолатпеша.

**СОҲИБАЁЛ** صاحب‌عیال 1. кадхудо, дорои зану фарзанд. 2. он ки хонаводаи бузург дорад.

**СОҲИБАҚЛ** صاحب‌عقل боақл, хирадманд.

**СОҲИБАФСАР** صاحب‌افسر *кит.* дорандаи тоҷ, тоҷдор, шоҳ.

**СОҲИБАХЛОҚ** صاحب اخلاق хушахлоқ, боодоб, аз ҷиҳати маънавӣ устувор.

**СОҲИББАРИД** صاحب‌برید хабаррасонанда; воқеанавис, маъмуре, ки подшоҳро аз воқеаҳои мамлакат огоҳ мекунад.

**СОҲИБҒАРАЗ** *а.* صاحب غرض одами ғаразнок, бадхоҳ; фитнаангез.

**СОҲИБДАВЛАТ** صاحب‌دولت бадавлат, давлатманд, сарватманд.

**СОҲИБДЕВОН** صاحب‌دیوان 1. *кӯҳ.* шахси амалдори олии молия. 2. шоире, ки ашъораш дар китобҳои алоҳида бо низоми муайян ҷамъ оварда шудаанд.

**СОҲИБДИЛ** صاحب‌دل 1. покдил, нексират; боинсоф, раҳмдил. 2. далер, ҷасур, нотарс.

**СОҲИБЗАВҚ** صاحب‌ذوق 1. соҳибистеъдод. 2. хушзавқ.

**СОҲИБЗАМИН** صاحب‌زمین заминдор, молики замин.

**СОҲИБИДРОК** صاحب‌ادراک боидрок, хушфаҳм, зирак.

**СОҲИБИҚБОЛ** صاحب اقبال хушбахт, хуштолеъ.

**СОҲИБИҚТИДОР** صاحب‌اقتدار 1. соҳиби қудрату қувват. 2.арҷманд.

**СОҲИБИМЗО** صاحب امضا 1. шахсе, ки ҳуҷҷатеро имзо карда бошад. 2. ҳуқуқи дар ҳуҷҷатҳои давлатӣ имзогузорӣ дошта.

**СОҲИБИМТИЁЗ** صاحب‌امتیاز он ки имтиёзи корхона, ширкат ва монанди онро дорад. **соҳибимтиёзи маҷалла (рӯзнома)** касе, ки имтиёзи нашри маҷалла (рӯзнома)–ро дошта, масъули матолиби дар он дарҷшуда аст.

**СОҲИБИНОЯТ** صاحب عنایت меҳрубон, мададгор, накӯкор.

**СОҲИБИНТИЗОМ** صاحب‌انتظام боодоб, нексиришт.

**СОҲИБИРОДА** صاحب اراده иродаи қавӣ дошта, боирода, қавиирода.

**СОҲИБИСТЕЪДОД** صاحب‌استعداد қобилиятнок, мустаид, қобил.

**СОҲИБИСТИҚЛОЛ** صاحب‌استقلال озод, соҳибихтиёр, мустақил.

**СОҲИБИХТИЁР** صاحب‌اختیار он ки бо майлу хоҳиши худ кореро мекунад, он ки ихтиёраш ба дасти худи ӯст, ихтиёрдор, мустақил.

**СОҲИБИХТИЁРӢ** صاحب‌اختیاری мустақилӣ, ихтиёрдорӣ.

**СОҲИБИХТИСОС** صاحب‌اختصاص дорои ихтисос, мутахассис.

**СОҲИБӢ** I صاحبی соҳиб будан, моликият (ба чизе); **соҳибӣ кардан** ба чизе соҳиб шудан, ба ихтиёри худ чизеро даровардан, ба моликияти худ даровардан.

**СОҲИБӢ** II صاحبی як навъ ангури сурхчатоб, ки донаҳои калон дорад.

**СОҲИБКАЛОМ** صاحب‌کلام 1. он ки қудрати суханварӣ дорад, сухандон. 2. адиби маъруф.

**СОҲИБКАМОЛ** صاحب‌کمال он ки дар илму дониш ва фазлу адаб ба пояи баланд расидааст, бомаърифат.

**СОҲИБКАРАМ** صاحب‌کرم бокарам, саховатманд, саховатпеша.

**СОҲИБКАРОМАТ** صاحب‌کرامت 1. он ки корҳои мӯъҷиза анҷом медиҳад, мӯъҷизакор. 2. *маҷ.* ғайбдон, ғайбгуй.

**СОҲИБКИТОБ** صاحب‌کتاب 1. *д.* дорандаи китоби муқаддас. 2. муаллифи китоб.

**СОҲИБКОР** صاحبکار 1. сардори кор, корфармо, хӯҷаин. 2 он ки кореро ба роҳ мемонад.

**СОҲИБКОРӢ** صاحب‌کاری 1. корфармоӣ. 2. ба роҳ мондани ягон кор.

**СОҲИБКУЛОҲ** صاحب‌کلاه 1. *кит.* тоҷдор, подшоҳ. 2. *маҷ.* сарбаланд, сарфароз.

**СОҲИБҚАЛАМ** صاحب‌قلم 1. он ки тарзи таҳрири нағз дорад. 2. нависанда.

**СОҲИБҚИРОН** صاحب‌قران *таър.* 1. он ки дар вақти наздик шудани сайёраи Зӯҳра бо Муштарӣ, ё Зӯҳра бо Офтоб таваллуд ёфтааст, ки ин дар илми аҳкоми нуҷум аломати хушбахтӣ ба шумор мерафт. 2. *маҷ.* хушбахт, саодатманд; зафарманд. 3. лақаби баъзе подшоҳони қадим.

**СОҲИБҚУВВАТ** صاحب‌قوت қавӣ, зӯр, пурзӯр.

**СОҲИБЛИСОН** صاحب‌لسان *кит.* суханвар, нотиқ.

**СОҲИБМАНЗАЛАТ** صاحب منزلت мӯътабар, соҳибэҳтиром.

**СОҲИБМАНСАБ** صاحب‌منصب дорои мансаби калон, мансабдор; амалдор.

**СОҲИБМАСЛИҲАТ** صاحب مصلحت доно, хирадманд.

**СОҲИБМАЪЛУМОТ** صاحب‌معلومات маълумотнок, бомаърифат.

**СОҲИБМОЯ** صاحب مایه бой, давлатманд.

**СОҲИБНАЗАР** صاحب‌نظر равшанзамир, бофаросат, нозуксанҷ.

**СОҲИБНЕЪМАТ** صاحب‌نعمت сарватманд, бадавлат.

**СОҲИБНОМ** صاحب‌نام номдор, маъруф; баэътибор, баобрӯ.

**СОҲИБНОМУС** صاحب ناموس поктинат, росткор, бонангу номус.

**СОҲИБНУФУЗ** صاحب‌نفوذ он ки нуфузу эътибор дорад, мӯътабар.

**СОҲИБРАЪЙ** صاحب رعی *ниг.* **соҳибтадбир**.

**СОҲИБСАЛИҚА** صاحب‌سلیقه *ниг.* **соҳибзавқ**.

**СОҲИБСАЛТАНАТ** صاحب‌سلطنت подшоҳ, ҳоким.

**СОҲИБСАОДАТ** صاحب‌سعادت *ниг.* **соҳибиқбол**.

**СОҲИБСАРИР** صاحب‌سریر *кит.* соҳиби тахт, подшоҳ, тахтнишин.

**СОҲИБСАРМОЯ** صاحب‌سرمایه соҳиби сармоя, давлатманд, ғанӣ, сармоядор.

**СОҲИБСАХО** صاحب سخا *ниг.* **соҳибэҳсон**.

**СОҲИБСИМОЪ** صاحب‌سماع 1. гӯшкунанда. 2. *мач.* тобеъ, мутеъ, фармонбардор.

**СОҲИБСУКУН** صاحب سکون устувор; тобовар, тоқатнок.

**СОҲИБСУҚ** صاحب سوق раиси бозор, сардори бозор.

**СОҲИБСУХАН** صاحب‌سخن 1. суханвар. 2. адиб.

**СОҲИБТАБЪ** صاحب‌طبع 1. он ки табъи баланд дорад, сухандон. 2. хуштабъ, хушгӯй; зарофатгӯй.

**СОҲИБТАДБИР** صاحب‌تدبیر 1. донишманд. 2. дурбин. 3. чорасоз.

**СОҲИБТАРАДДУД** صاحب‌تردد он ки барои анҷоми коре кӯшишу ҳаракат дорад.

**СОҲИБТАФАККУР** صاحب تفکر хирадманд, мутафаккир, заковатманд.

**СОҲИБТАФАРРУС** صاحب تفرس соҳиби фаросат, бофаҳм, боидрок.

**СОҲИБТАХТ** صاحب تخت шоҳ, ҳоким, шаҳаншоҳ, соҳиби тахти шоҳӣ.

**СОҲИБТАҶАММУЛ** صاحب‌تجمل бошаъну шукӯҳ, бокарру фар.

**СОҲИБТАҶРИБА** صاحب‌تجربه кордида, таҷрибанок, ботаҷриба, таҷрибадор.

**СОҲИБТАҶРИБАГӢ** صاحب‌تجربگی таҷрибаи бой доштагӣ.

**СОҲИБТОҶ** صاحب تاج *ниг.* **соҳибтахт**.

**СОҲИБУЛҶАЙШ** *а.* صاحب‌الجیش соҳиби лашкар, сипоҳсолор; подшоҳ.

**СОҲИБФАРОСАТ** صاحب‌فراصت 1. он ки дорои фаросат аст; боҳуш, зирак. 2. донандаи фани қиёфа, қиёфашинос.

**СОҲИБФАҲМ** صاحب‌فهم хушфаҳм, зеҳнтез, зирак.

**СОҲИБФИКР** صاحب فکر донишманд, бохирад.

**СОҲИБФИРОШ** صاحب فراش *кит.* бистарӣ, бемор, касал.

**СОҲИБХАБАР** صاحب خبر 1. огоҳ, хабардор. 2. *мач.* қосид, фиристода, хабаррасон.

**СОҲИБХИРАД** صاحب خرد хирадманд, боақл, бохирад, донишманд.

**СОҲИБХОНА** صاحب‌خانه молики хона, хӯҷаини хона, мизбон.

**СОҲИБХОНАЗАН** صاحب‌خانه‌زن зани соҳибхона.

**СОҲИБҲАШАМАТ** صاحب‌حشمت соҳиби шукӯҳу дабдаба, соҳиби ҷоҳу ҷалол.

**СОҲИБҲИММАТ** صاحب‌همت олиҳиммат, ҷавонмард, сахӣ.

**СОҲИБҲУҚУҚ** صاحب‌حقوق он ки ба муайян кардани ҳаққу ҳуқуқи худ соҳиб аст, баҳраманд аз ҳама ҳуқуқҳо.

**СОҲИБҲУНАР** صاحب‌هنر ҳунарманд, соҳиби ягон ҳунар.

**СОҲИБЧАНГОЛ** صاحب‌چنگال парандаи даранда, дорои чанголи қавӣ; ваҳшӣ: **парандаи соҳибчангол**.

**СОҲИБҶАМОЛ** صاحب‌جمال хушрӯ, зебо, некрӯй.

**СОҲИБҶАШН** صاحب‌جشن он ки ҷашни ӯ гузаронида мешавад.

**СОҲИБҶОҲ** صاحب‌جاه баландмартаба, олимақом.

**СОҲИБЪИЁР** صاحب عیار 1. санҷишгари пули тиллои холис ва сақат, фарққунандаи пули сара ва носара, дорои санги маҳак. 2. *мач.* фарққунандаи неку бад.

**СОҲИБЭҲСОН** صاحب‌احسان *ниг.* **соҳибкарам**.

**СОҲИБЭҲТИРОМ** صاحب‌احترام мӯҳтарам, соҳиби иззату икром.

**СОҲИБЭЪТИБОР** صاحب‌اعتبار 1. мӯҳтарам, муаззам. 2. шоистаи эътимод.

**СОҲИЛ** ساحل замини лаби дарё, канори дарё, лаби баҳр; соҳили наҷот.

**СОҲИЛБАНДӢ** ساحل‌بندی мустаҳкам кардани соҳил; **корҳои соҳилбандӣ**.

**СОҲИЛНИШИН** صاحل‌نشین он ки дар соҳил зиндагӣ мекунад.

**СОҲИР** I *а.* ساحر сеҳркунанда, ҷодугар.

**СОҲИР** II *а.* ساهر бехоб, шаббедор; бедор.

**СОҲИРА** I ساهره 1. сатҳ ва рӯи замин. 2. чашмаи равон.

**СОҲИРА** IIساحره *муаннаси* **соҳир** I.

**СОҲИРӢ** ساحری ҷодугарӣ, сеҳркорӣ.

**СОҲИРОНА** ساحرانه 1. ба таври ҳайратангез, аҷоиб. 2. мафтунона, ҷозибакорона.

**СОҲӢ** I *а.* ساهی *кит.* он ки фикраш ба ҷои дигар аст, ғофил, бепарво; мусоҳилакор.

**СОҲӢ** II *а.* صاحی 1. бедор, бедоршуда. 2. ҳушёр.

**СОЧ** ساچ *ниг.* **соҷ**.

**СОЧМА** ساچمه сурбрезаҳои гирд–гирд, ки дар камони шикорӣ барои оташ додан мерезанд.

**СОЧМАДОН** ساچمه‌دان халтачае, ки дар он сочма мегиранд.

**СОЧМАРЕЗ** ساچمه‌ریز он ки дар қолиби махсус сочма мерезад.

**СОЧМАРЕЗӢ** ساچمه‌ریزی амали рехтани сочма.

**СОҶ** I ساج 1. дарахти баланди рост, ки дар Ҳиндустон мерӯяд ва онро булути ҳиндӣ низ мегӯянд. 2. як навъи дарахт, ки чӯбаш сиёҳи сахт аст ва дар гузашта барои сохтани киштиҳо истифода мегардид.

**СОҶ** II ساج парандаи сиёҳчаи зоғчамонанди хурдтар аз зоғ, ки бештар малахро шикор кунад.

**СОҶГУН** ساج‌گون *кит.* тира, сияҳгун.

**СОҶИД** *а.* ساجد саҷдакунанда, он ки пешонӣ бар замин ниҳода саҷда кунад.

**СОЪ** *а.* صاع паймонаи ғалла, тақрибан се килограмм.

**СОЪХОҲ** صاع خاه садақахӯр; қаландар, дарвеше, ки дар сари хирмани ғалла ҳақ металабад.

**СОЯ** سایه 1. сиёҳии ҷисми инсон ё ҳар ҷисми дигаре, ки дар рӯшноии офтоб ё нури чароғ ба замин ё болои чизи дигар меафтад. 2. ҷои офтобнорас, ҷои панаҳ аз офтоб; **аз (ба) сояи…** дар паноҳи…, ба зери…; **дар сояи…** а) ба шарофати…, ба туфайли…, аз боиси…, ба сабаби …; б) дар ҳимояти… дар паноҳи; **сояи ӯ аз сари мо кам мабод (нашавад)** ҳамеша дар паноҳ ва ҳимояти ӯ бошем, илтифоту меҳрубониаш аз мо кам мабод; **сояи** *касе* **шудан** ҷонишини касе шудан, мислу монанди касе шудан; **сояи касеро аз девор тарошидан** касеро сахт бад дидан, касеро чашми дидан надоштан; **аз сояи худ тарсидан** хеле тарсончак будан; **чу соя аз паси (дунболи)** *касе* **гаштан** касеро беист таъқиб кардан.

**СОЯАНДОЗ** سایه‌انداز он чи бар чизе соя афкандааст.

**СОЯАФКАН** سایه‌افکن *ниг.* **сояандоз.**

**СОЯБОН** سایه‌بان 1. парда ё чодире, ки барои панаҳ кардан аз офтоб болои сар мекашанд. 2. чатр; **кафи даст ба чашм соябон кардан** бо кафи даст чашмро аз рӯшноии чароғ ё шуои офтоб панаҳ кардан (*вақти нигаристан ба чизе*).

**СОЯБОНГУЛ** سایه‌بان‌گل *бот.* як навъ гули чатрмонанд, ки тӯдагул ҳам мегӯянд.

**СОЯБОНШАКЛ** سایه‌بان‌شکل ба монанди чатр, ба шакли соябон.

**СОЯГАРД** سایه گرد ҷое, ки соя барвақт афтад.

**СОЯГАҲ//СОЯГОҲ** سایه‌گه//سایه‌گاه ҷойи соя; соягаҳи бед.

**СОЯГИР** سایه‌گیر болои тиреза аз берун барои аз шуои рости офтоб нигоҳ доштан васл мекунанд.

**СОЯГӢ** سایگی 1. он чи дар сояҷой парвариш ёфта бошад. 2. меваи дар соя хушк карда шуда: **мавизи соягӣ**.

**СОЯГОҲ** سایه گاه соянок, соядор.

**СОЯГУСТАР** سایه‌گستر *кит.* 1. сояандоз, сояафкан. 2. *маҷ.* одами меҳрубон, ҳимоягар ва паноҳгоҳи мардуми бечора.

**СОЯДАСТ** سایه‌دست навишти дастии хатиравии муаллиф ё мусанниф, ба дасти муаллиф.

**СОЯДОР** سایه‌دار 1. ҳар чизе ки сояаш ба замин меафтад; сояафкан. 2. ҷои аз шуои офтоб панаҳ: **дарахти соядор**, **сарҳавзи соядор**.

**СОЯДӮСТ** سایه‌دوست дӯстдори соя; гиёҳи соядӯст.

**СОЯЗАДА** سایه زده аз рӯи ақидаи хурофӣ – касе, ки ба ӯ деву парӣ таъсир карда, зиён расондааст, ҷинзада, зиёндор.

**СОЯМАНД** سایه مند соядор, босоя, чизе, ки соя бар он афтодааст; *муқ.* **серсоя**.

**СОЯНАМО** سایه نما 1. ба соя монанд, соятоб. 2.ҳангоми тулӯъ соя партофтани дарахт, бино ва дигар чизҳои баланд.

**СОЯНИШИН** سایه‌نشین 1. он ки дар соячой нишастааст. 2. касе, ки боғеро барои иқомат дар мавсими тобистон ба иҷора мегирифт.

**СОЯНОК** سایه ناک соядор.

**СОЯПАРАСТ** سایه‌پرست сояро дӯст дорад, соядӯстдор.

**СОЯПАРВАРД** سایه‌پرورد *ниг.* **сояпарварда**.

**СОЯПАРВАРДА** سایه‌پرورده 1. ба воя расида, тарбияёфта дар соячой. 2. *маҷ.* касе, ки дар нозу неъмат тарбия ёфтааст.

**СОЯРАВ** سایه‌رو ҷои офтобнорас, ҷои соянок.

**СОЯРАВШАН** سایه‌روشن *санъ.* ҷой додани рангҳои гуногуни тира ва равшан дар асари рассомӣ ва графикӣ.

**СОЯРӮ** سایه‌رو *ниг.* **сояраб**.

**СОЯСИФАТ** سایه‌صفت монанди соя, чун соя.

**СОЯФИКАН** سایه‌افکن *ниг.* **сояандоз**.

**СОЯЧАШМ** سایه سایه маводи рангкунӣ, ки бо он мижгонро ранг кунанд.

**СПАРТАКИАДА** *лот.* سپرتکیئده мусобиқаи оммавии варзишӣ, ки дар он ҳама навъҳои варзиш намоиш дода мешавад.

**СПЕКТАКЛ** *фр.* سپیکتکل намоиши театрӣ, намоиш, намоишнома.

**СПЕКТР** *лот.*سپیکتر *физ.* маҷмӯи партавҳои ранга, ки вақти аз маншур гузаштани нур ба вуҷуд меоянд.

**СПИКЕР** *англ.*سپیکر сардори парламент.

**СПИРТ** *лот.* سپیرت моеи сӯзанда ва мастиовар, ки аз моддаҳои канддор ва крахмалдор кашида мешавад, ҷавҳари арақ.

**СПИРТДОР**سپیرت دار дорои спирт; **нӯшокиҳои спиртдор**.

**СПИРТӢ** سپیرتی *ниг.* **спиртдор**.

**СПИРТНОК** سپیرت ناک *ниг.* **спиртдор**.

**СПОРТ** *англ.* سپارت *ниг.* **варзиш**.

**СПОРТЛОТО** سپارت لاتا бозии лотереяи бурднок, ки барои инкишофи корҳои варзишӣ ташкил карда мешавад.

**СТАДИОН** *ю.* ستدئان *ниг.* **варзишгоҳ**.

**СТАКАН** *р.* ستکان зарфи устувонаки шакли бедастаи шишагӣ барои нӯшидани моеот; истакон.

**СТАНДАРТ** *англ.* ستندرت 1. намуна, меъёр, маҳак. 2. навъи махсуси мол, ки нисбат ба сифат, таркиб, миқдор ва вазн муайян шуда бошад.

**СТАНДАРТОНӢ** ستندرتانی ба меъёр даровардан, ба навъи махсуси ҷавобгӯи меъёри муайян ҷудо кардан.

**СТАРШИНА** *р.* سترشینه рутбаи ҳарбӣ, ки аслан корҳои хоҷагидории рота бар дӯши вай аст.

**СТЕНОГРАММА** *ю.* ستیناگرمه *ниг.* **зуднавишт**.

**СТЕНОГРАФИЯ** *ю.* ستیناگرفیه *ниг.* **зуднависӣ**.

**СТЕРИЛИЗАТСИЯ** *лот.* ستیرلیزتسیه 1. дафъ кардани микробҳои зарарнок ва сирояткунанда, соф ва безараркунӣ (*мас., обро*). 2. ба воситаи ҷарроҳӣ, ба бача зоидан ё зоёнидан ноқобил гардонидани одам ё чорпо.

**СТЕТОСКОП** *ю.* ستیتاسکاپ *тиб.* олати махсусе, ки духтурҳо ба воситаи он дил ё шуши беморро месанҷанд.

**СТОМАТОЛОГИЯ** ستامتالاگیه *ниг.* **даҳонпизишкӣ**.

**стон//истон** ستان//استان *пасванди исмсоз, ки ба калима маънои* афзунии он чизро дар *ҷое медиҳад*: **гулистон**, **кӯҳистон**, **чаманистон**.

**СТРАТЕГИЯ** *ю.* ستریتگیه 1. санъати ҷанг. 2. ҳунари роҳбарӣ, санъати роҳбарӣ.

**СТРАТЕГӢ** ستریتگی санъати ҷангӣдошта; муҳим.

**СТРАТОСТАТ** *лот.* ستراتاستت кура барои парвоз ба стратосфера.

**СТРАТОСФЕРА** *лот.* ستراتاسفیره табақаи болои атмосфера – ҷавви ҳаво.

**СТУДЕНТ** *лот.* ستودینت *ниг.* **донишҷӯ**.

**СТУДИЯ** *ит.* ستودیه 1. коргоҳи рассом ё ҳайкалтарош. 2. мактаби ҳунарпешагӣ. 3. муассисае, ки кинофилм тайёр мекунад. 4. хонаи махсус барои намоишҳои телевизионӣ.

**СТЮАРДЕССА** *англ.* ستیواردیسّه ходими ҳавопай-

мо, зане ки дар салони ҳавопаймо ба мусофирон хизмат мекунад.

**СУ** I **//СУЪ** а. سوء//سو 1. бадӣ, зиён ва мазаррат. 2. бад; бадхоҳ.

**СУ** II **//СУВ** سو *шакли дигари* **сӯ(й)**.

**СУАДО** *а.* سعدا *ҷ.* **саид**.

**СУБЙЕКТ** *лот.* سبئیکت 1. *фалс.* он ки идрок, фикр ва амал мекунад. 2. *збш.* мубтадо. 3. шахс, кас, одам.

**СУБЙЕКТИВИЗМ** *лот.* سبئیکتیویزم 1. *фалс.* равияи фалсафӣ, ки мавҷуд будани олами моддии беруниро инкор мекунад ва онро фақат дарки шуури шахс мешуморад. 2. шахсият, ғаразнокӣ.

**СУБЙЕКТИВӢ** سبئیکتیوی 1. хоси шахси муайян, хусусӣ, шахсӣ. 2. ғайри мунсифона, шахсӣ; **баҳодиҳии субективӣ (субективона)**.

**СУБОТ** *а.* ثبات *ниг.* **сабот**.

**СУБОТКОР** ثبات کار 1. сахт, маҳкам, мустаҳкам. 2. боирода, дар азмаш устувор.

**СУБОТКОРӢ** ثبات کاری 1. мустаҳкамӣ, сахтӣ. 2. собитқадамӣ, боиродагӣ.

**СУБОТКОРОНА** ثبات کارانه собитқадамона,

**СУБСТАНСИЯ** *лот.* سبستنسیه *фалс.* 1. ҷавҳар, моҳият, асоси ҳамаи чиз ва ходисаҳо. 2. дар фалсафаи метафизикӣ моҳияти тағйирнаёбандаи ашё.

**СУБСТРАТ** *лот.* سبسترت 1. *фалс.* асоси умумии ҳодисаҳои гуногун. 2. *збш.* боқимондаи унсурҳои забони мағлуб дар таркиби забони ғолиб.

**СУБТРОПИКӢ** سبتراپکی *мансуб ба* субтропикҳо – ба минтақаи наздик ба тропикҳо (*аз шимол ва ҷануб*), ки обу ҳавояш гарм аст, минтақаи гармсер.

**СУБУЛ** *а.* سبل *ҷ.* **сабил**.

**СУБУР** *а.* ثبور вайронӣ; ҳалокат.

**СУБУТ** *а.* ثبوت исбот ва аниқ кардан; **ба субут расидан** собит шудан; **ба субут расондан** а) исбот кардан бо далелу ҳуҷҷатҳо; б) ба анҷом расондан, тамом кардан.

**СУБӮҲ** *а.* صبوح *кит.* пагоҳӣ, субҳ, субҳгоҳ.

**СУБҲ** *а.* صبح 1. вақти сафед шудани рӯз, бомдод, сапедадам; **субҳ то шом** аз дамидани сапеда то фурӯ нишастани торикӣ, тамоми рӯз. 2. *маҷ.* оғоз, ибтидо, аввали саршавии чизе, **субҳи мурод**, **субҳи умед**, **субҳи шодӣ**; **субҳи содиқ** пурра дамидани сапедаи саҳарӣ; *муқоб.* **субҳи козиб**, ки нимаравшании пеш аз дамидани сапедаи ҳақиқист.

**СУБҲА** *а.* سبحه тасбеҳ, донаҳое, ки ба ришта кашида шудааст ва рӯҳониён теъдоди зикри Худованд карданро ба он мешумуранд.

**СУБҲГОҲ(ОН)** صبحگاه//صبحگاهان *ниг.* **субҳдам**.

**СУБҲГОҲӢ** صبحگاهی *мансуб ба* **субҳгоҳ**.

**СУБҲГОҲОН** صبحگاهان саҳаргоҳон.

**СУБҲДАМ** صبحدم ҳангоми субҳ, бомдод, сапедадам.

**СУБҲИДАМ** صبحدم *ниг.* **субҳдам**.

**СУБҲОН** *а.* سبحان пок, муназзаҳ.

**СУБҲОНА** سبحانه хуроки субҳ.

**СУБҲОНАЛЛОҲ** سبحان الله *калимаи нидо.* 1. *д.* Худованд пок аст, муназзаҳ аст Худо! 2. аҷабо! (*дар вақти изҳори тааҷҷуб гуфта мешавад*).

**СУБЪ** *а.* سبع 1. аз ҳафт як қисм, ҳафтяк. 2. ҳафтяки Қуръон, Ҳафтяк.

**СУВАР** I *а.* صور *ҷ.* **сурат** I.

**СУВАР** II *а.* سور *ҷ.* **сура**.

**СУВАРӢ** *а.* صوری зоҳирӣ, берунӣ.

**СУВАРНИГОР** صورنگار нигорандаи суратҳо, сураткаш, офаринандаи пайкар ва чеҳраҳо

**СУВВОЛ** *а.* سوال *ҷ.* **соил** I.

**СУВОР** سوار *ниг.* **савор**.

**СУВОРА** سواره *ниг.* **савора**.

**СУВОРӢ** سواری *ниг.* **саворӣ**.

**СУГУСТАН** سگستن *ниг.* **сигустан**.

**СУҒБА** سغبه *кит.* фирефта, фирефташуда, фиреб додашуда; масхарашуда.

**СУҒДӢ** سغدی 1. *мансуб ба* **Суғд**, бошандаи Суғд. 2. забони суғдӣ, ки ба гурӯҳи забонҳои эронӣ шомил аст.

**СУҒУД** سغود замини нишебе, ки оби борон дар он ҷамъ шавад; ҷои обшор ва обод.

**СУҒУР** سغر *зоол.* ҷонвари гурбамонанди сурхчамӯй, ки аз пӯсташ пӯстин дӯзанд.

**СУҒУРТА** سغرته *ниг.* **бима**; аз зарарӣ эҳтимолӣ бо пул таъмин кардани худ бо роҳи ҳақгузории мунтазам ба муассисаи дахлдор,

ки ҳангоми рӯй додани чунин зарар пардохти ҳаҷми маблағи зарарро ба ӯҳда гирифтааст: **суғуртаи давлатӣ**,**суғуртаи иҷтимоӣ**, **суғуртаи молу мулк**, **суғуртаи ҳаёт**.

**СУҒУРТАПУЛӢ** سغرته پولی маблағи суғурташаванда.

**СУД** I سود фоида, нафъ, манфиат; **суд бахшидан** нафъ доштан.

**СУД** II سود мақоми давлатӣ, ки мурофиаҳои шаҳрвандӣ ва ҷиноятиро мебинад, додгоҳ; **суди халқӣ, суди олӣ; ба суд додан** *касеро* барои мурофиа ба суд кашидан; **суд кардан**.

**СУДА** سوده *сифати феълии замони ҳозира аз* **судан**; соидашуда, майдашуда; **намаки суда** намаки кӯфта, чун хока нармкарда; **суда шудан** а) дар асари соиш ва молиш нарм шудан; б) дар натиҷаи соиш хӯрда шудан (*мас., пойафзол*).

**СУДАД** *а.* سودد *кит.* сардорӣ, пешвоӣ, роҳбарӣ.

**СУДАН** سودن 1. молидан, ба ҳам молидани ду чиз, соидан. 2. соида нарм кардани чизе.

**СУДБАХШ** سودبخش нафъовар, фоиданок.

**СУДБОЗ** سودباز ҷанҷолӣ, тез-тез ба суд муроҷиаткунанда.

**СУДБОЗӢ** سودبازی :**судбозӣ кардан** бисёр ба суд рафтуой кардан аз пайи ҷанҷол, мурофиае ба судҳо даводавӣ кардан.

**СУДДА** I سده *кит.* остона.

**СУДДА** II سده *тиб.* бастагӣ ва гирифтагӣ, гиреҳ, ки дар рӯдаҳо, рагҳо *ва г.* пайдо мешавад.

**СУДӢ** سودی *мансуб ба* **суд**, додгоҳӣ.

**СУДМАНД** سودمند фоиданок, натиҷадиҳанда, муфид.

**СУДМАНДӢ** سودمندی фоидагирӣ, фоиданокӣ.

**СУДОБ** سوداب *бот.* гиёҳи пудинамонандест, ки гулҳои зард дорад ва дар тиб ба кор меравад.

**СУДОБӢ** سودابی 1. *мансуб ба* **судоб.** 2. сабзранг; ◊ **чархи судобӣ** осмон.

**СУДОВАР**سود آور фоиданок, муфид.

**СУДОНӢ** سودانی 1. *мансуб ба* **Судон**. 2. аз табааи Судон.

**СУДОЪ** *а.* صداع *кит.*, *тиб.* дарди сар.

**СУДОЪПАЗИР** صداع پذیر тобовар ба дарди сар; сабур, батоқат.

**СУДПАРАСТ** سودپرست тамаъкор.

**СУДПАРАСТӢ** سودپرستی тамаъкорӣ.

**СУДПАРАСТОНА** سودپرستانه тамаъкорона.

**СУДРА** *а.* صدره 1. болои сина, сари сина. 2. синапӯш, синабандак.

**СУДУР** I *а.* صدور содир шудан, рӯй додан, воқеъ гардидан; **судур ёфтан** навишта шудан, содир гардидан (*мас., фармон*).

**СУДУР** II *а.* صدور *ҷ.* **садр**. 1. болонишинон. 2. *таър.* яке аз унвонҳои илмие буд дар аморати Бухоро, ки пас аз ӯроқ, пеш аз садр ҷой дошт.

**СУДХӮР** سودخور он ки маблағеро бо гирифтани фоидаи зиёде ба қарз медиҳад.

**СУДХӮРӢ** سودخوری кори судхӯр, ки пул ба фоида медиҳад.

**СУДШАВАНДА** سودشونده он ки ҷинояти ӯ дар суд муҳокима мешавад.

**СУДЯ** سودیه 1. он ки суд мекунад, раиси суд; довар, додвар. 2. ҳакам дар бозиҳои варзишӣ, довар.

**СУИЗАН(Н)** *а.* سوءظن бадгумонӣ, гумони бад бурдан.

**СУИИДОРА** *а.* سوءاداره *кит.* бадрафторӣ, дар идора кардани коре; идоракунии бад.

**СУИИСТЕЪМОЛ** *а.* سوءاستعمال ба бадӣ кор фармудан, чизеро нобаҷо ва нодуруст ба кор бурдан.

**СУИИСТИФОДА** *а.* سوءاستفاده аз мансаб ё коре нодуруст фоида бурдан.

**СУИҚАСД** *а.* سوءقصد қасди бад; қасди ҷони касеро кардан, қасди куштан.

**СУККОН** I *а.* سکان дунболаи киштӣ; рули киштӣ.

**СУККОН** II *а.* سکان *ҷ.* **сокин**.

**СУККОНДОР** سکاندار идоракунандаи сукон, он ки дар сари суккони киштӣ меистад.

**СУКНО** *а.* سکنی *кит.* сокин будан, истиқомат; сукно доштан дар ҷое муқимӣ будан.

**СУКР** *а.* سکر *кит.* мастӣ, ҳолати мастӣ, мадҳушӣ.

**СУКРАНГЕЗ** سکرنگیز масткунанда, мадҳушкунанда.

**СУКРОВАР** سکر آور *ниг.* **сукрангез**.

**СУКУН** *а.* سکون оромӣ, қарор; *муқоб.* **ҳаракат**.

**СУКУНАТ** *а.* سکونت 1. иқомат, манзил кардан; сукунат доштан, муқимӣ будан дар ҷое. 2. оромӣ, хомӯшӣ.

**СУКУРРА//СУКРА** سکره косаи сафол.

**СУКУТ** سکوت хомӯш шудан, хомӯшӣ; **сукут кардан** хомӯш шудан, гап назадан, аз гап бозистодан; **сукут аломати ризо** (*мақ.*).

**СУҚ** I سوق *гуфт.* кина; бухл, ҳасад, кина ва ҳасаде, ки гӯё аз касе ба каси дигар вақти хӯрок хӯрдан ё кори бобаракаташ мегузарад; **суқ – суқ кардан** бо молиш гӯё суқи даромадаро баровардан; **суқ афтодан**; **суқи чашм** аз нигоҳи ҳасадхӯронаи касе гӯё зараре дидан.

**СУҚ** II *а.* سوق *кит.* бозор.

**СУҚБА** *а.* ثقبه *кит.* сӯрох.

**СУҚИ(Й)Я** *а.* سوقیه аҳли бозор, аҳли харидуфурӯш.

**СУҚОТ** *а.* سقاة *ҷ.* **соқӣ**.

**СУҚУТ** سقوط 1. афтиш, афтодан ба замин. 2. ҷойҳои афтода дар китоб ё вақти навиштан. 3. аз сари ҳокимият рафтани давлате ё мансабдори калоне; **суқути Салҷуқиён**. 4. аз даст рафтани ҷое (шаҳре) дар ҷанг.

**СУЛ(Л)** *а.* سل *кит.* шуш, рия.

**СУЛАҲФОТ** *а.* سلحفات *кит.* кашаф, сангпушт.

**СУЛБ** I *а.* صلب 1. сахт, шах, дурушт, сахтмодда. 2. устувор, мустаҳкам. 3. *маҷ.* мутаасиби гузаро, сахт, мутаассиб.

**СУЛБ** II *а.* صلب 1. тахтапушт, амуди фиқарӣ. 2. камар, пушт. 3. миёни чизе, мағзи чизе.

**СУЛБИЯ** *а.* سلبیه *кит.* пардаи чашм.

**СУЛБӢ** صلبی пуштикамарӣ, наслӣ, зурриётӣ; зотӣ; **фарзанди сулбӣ** фарзанди худӣ.

**СУЛВАТ** *а.* سلوت *ниг.* **салват**.

**СУЛЛАМ** *а.* سلم нардбон.

**СУЛЛОБ** صلاب *гуфт.* 1. *шакли кӯтоҳшудаи* **устурлоб**. 2. *маҷ.* беруй, густох, бемулоҳиза.

**СУЛМА(Т)** *а.* ثلمت//ثلمه шикоф, рахна.

**СУЛОЛА** *а.* سلاله 1. насл, фарзанд, авлод. 2. хонадон: **сулолаи Сомониён.**

**СУЛОЛАВӢ** سلالوی *мансуб ба* **сулола.**

**СУЛС** *а.* ثلث *кит.* 1. сеяк, аз се як ҳисса. 2. навъи хати арабӣ.

**СУЛСУЛ** *а.* صلصل *кит.* фохта.

**СУЛТОН** *а.* سلطان 1. ҳоким, фармонраво, подшоҳ. 2. *таър.* унвони подшоҳон дар баъзе мамлакатҳои Шарқ.

**СУЛТОНӢ** سلطانی 1. *мансуб ба* **султон**. 2. подшоҳӣ, салтанат.

**СУЛУК** *а.* سلوک *кит.* 1. роҳ рафтан, роҳ паймудан. 2. равиш, рафтор; муомила. 3. тарзи зиндагии аҳли тасаввуф, дарвешона ва парҳезгоронаи сӯфиён.

**СУЛФА** سلفه *тиб.* бемории узвҳои нафасгирӣ, садои раъшадоре, ки бо роҳи гулӯ барояд; **сулфаи хушк** сулфа бе ҷудошавии балғам.

**СУЛФАКАБУТАК** سلفکبوتک *тиб.* касалии сулфа, ки асосан тифлон ба он дучор мешаванд, коклюш.

**СУЛФАТ** *лот.* سلفت *кит.* номи умумии намакҳои туршии гӯгирд.

**СУЛФИД** *лот.* سلفید номи умумии таркибҳои содаи гӯгирд бо унсурҳои дигар.

**СУЛФИДАН** سلفیدن ба бемории сулфа мубтало будан, сулфа кардан.

**СУЛФУР** *лот.* سلفور яке аз унсурҳои кимиёвӣ, ки ранги зард дошта дар об ҳал намешавад.

**СУЛФУРДОР** سلفوردار маҳлули химиявие, ки дар таркибаш сулфур дорад.

**СУЛУК** *а.* سلوک *кит.* 1. рафтор, равиш. 2. дар тасаввуф тарзи рафтори сӯфиён; тариқат; **сайри сулук кардан** марҳилаҳои гуногуни тасаввуфро паймудан.

**СУЛУҚ** سلوق оҳани занҷирмонанди лаҷоми асп, ки вақти лаҷом задан дар даҳони асп меистад; **сулуқ хоидан(-и асп)**.

**СУЛҲ** صلح оштӣ; осоиштагӣ, амонӣ; *муқоб.* **ҷанг**.

**СУЛҲДӮСТ** صلح‌دوست тарафдори оштӣ ва осоиштагӣ, сулҳпарвар.

**СУЛҲДӮСТӢ** صلحدوستی кӯшиш ба ҳифзи оштӣ ва осоиштагӣ, сулҳпарварӣ.

**СУЛҲДӮСТОНА** صلح دوستانه бо сулҳу салоҳ.

**СУЛҲИЯ** صلحیه куллиёти ашъор, ки мазмуни сулҳ дошта бошад.

**СУЛҲНОМА** صلحنامه ҳуҷҷате, ки дар он шароити оштӣ ва сулҳ қайд ва сабт шудааст.

**СУЛҲНОПАЗИР** صلح‌ناپذیر ҷанҷоле, ки бо роҳи сулҳ (мусолимат) рафъ карданаш аз имкон берун аст, сулҳнашаванда.

**СУЛҲОВАР** صلح‌آور он чи сулҳ меорад, оваран-

даи сулҳ: **нерӯҳои сулҳовар**.

**СУЛҲПАРАСТ** صلح پرست *ниг.* **сулҳдӯст**.

**СУЛҲПАРАСТӢ** صلح پرستی *ниг.* **сулҳдӯстӣ**.

**СУЛҲПАРВАР** صلح‌پرور *ниг.* **сулҳдӯст**.

**СУЛҲПАРВАРӢ** صلح پروری *ниг.* **сулҳдӯстӣ**.

**СУЛҲТАЛАБ** صلح طلب ба сулҳ даъваткунанда, сулҳхоҳ.

**СУЛҲТАЛАБӢ** صلح طلبی амали сулҳталаб, сулҳхоҳӣ..

**СУЛҲТАЛАБОНА** صلح طلبانه сулҳ талабкарда, бо сулҳхоҳӣ.

**СУЛҲХОҲ** صلح‌خواه *ниг.* **сулҳталаб**.

**СУЛҲХОҲӢ** صلح خواهی барои сулҳу оромӣ кӯшиш кардан.

**СУЛҲФУРӮШ** صلح‌فروش он ки бо нияти баде худро сулҳҷӯй вонамуд мекунад; ◊ **ин сулҳфурӯш** дунёи бевафо.

**СУЛҲҶӮ** صلحجو *ниг.* **сулҳталаб**.

**СУЛҲҶӮЁНА** صلح‌جویانه ба тариқи оштихоҳӣ ва осоиштагӣ: **сиёсати сулҳҷӯёна**.

**СУЛҲҶӮӢ** صلح جوی тарафдори сулҳу салоҳ.

**СУМ** سم сумҷ, хонаи зеризаминӣ.

**СУМ(М)** I سم нохуни дасту пои чорпоён.

**СУМ(М)** II *а.* سم *кит.* сӯрохии гӯш; гӯш.

**СУМ(М)** III *а.* صم кар; **сумму(н) букм** кару гунг.

**СУМАЛАК** سملک *ниг.* **суманак**.

**СУМАН** سمن *наб.* гулест сафедбарги хӯшбӯй, саман, ёсумин.

**СУМАНАК** سمنک *гуфт.* хӯрокии ҳалвомонанде, ки аз шираи донаҳои сабзонидашудаи гандум мепазанд (асосан дар Наврӯз), саман(н)у, суманак.

**СУМАНБАР** سمنبر гуландом, хушрӯ, зебо, сафедтан.

**СУМАНБАРГ** سمن برگ *ниг.* **саманбарг**.

**СУМАНБӮ(Й)** سمنبو(ی) хушбӯ (*васфи мӯй, зулф*).

**СУМАНСО(Й)** سمنسا(ی) *ниг.* **самансо(й)**.

**СУМБА** سمبه *ниг.* **сунба**.

**СУМБАГӢ** سمبگی *ниг.* **сунба**.

**СУМБОДА** سمباده *ниг.* **сунбода**.

**СУМБУЛ** سمبل *ниг.* **сунбул**.

**СУМБУЛА** سمبله *ниг.* **сунбула**.

**СУМДОР** سمدار ҷинси чорпоёне, ки сум доранд.

**СУМКАШ** سمکش бадрафтор, гарданшах, (*сифати хар*).

**СУМКӮБ** سم‌کوب **:сумкӯби асп шудан** зери суми (лагади) асп мондан.

**СУМ(М)ОҚ** سماق меваи туршмазаи қароқотмонанд, ки куфтаву соидашудаи онро ба хӯрок меандозанд.

**СУМ(М)ОТ** سمات *гуфт.* афт, башара, андом, қиёфа (тобиши таҳқирӣ дорад).

**СУМРА** *а.* سمره тирарангӣ, қаҳварангӣ; гандумгунӣ.

**СУМТАРОШ** سم تراش олоти махсӯсе, ки наългарон пеш аз задании наъли нав суми аспро бо он тарошида тоза мекунанд.

**СУМУВ(В)** *а.* سمو *кит.* баландӣ, иртифоъ.

**СУМУМ** سموم *ҷ.* **самм**.

**СУМУТ** I *а.* صموت хомӯшӣ, хомӯш будан.

**СУМУТ** II *а.* سموت *ҷ.* **самт**.

**СУМҶ** سمج хонаи зеризаминӣ; нақб; роҳи зеризаминӣ, сум.

**СУН** سون *гуфт.* сӯй, ҷониб, тараф.

**СУНАМИ** *яп.* سنمی мавҷҳои азими фалокатбор, ки дар натиҷаи зилзилаҳои зериобӣ, фаъолияти вулқонҳои зериобӣ ва ҷазираҳо пайдо шаванд.

**СУНБ** سنب 1. *ниг.* **сум(м)** I. 2. пошнаи пойафзол. 3. *маҷ.* пой.

**СУНБА** سنبه милаи оҳанине, ки бо он чизеро сӯрох кунанд ё милаи милтиқро тоза кунанд; **милтиқи сунбагӣ** милтиқи қадимаи даҳанпур, ки борутро бо сунба ҷо мекарданд; **сунба задан** бо сунба тоза кардани мили камон, тӯп *ва г.*

**СУНБАГӢ** سنبگی *мансуб ба* **сунба**.

**СУНБИДАН** سنبیدن 1. сӯрох кардан; кофтан, шикофтан. 2. бо сум помол кардан, зери по намудан, маҷақ кардан.

**СУНБОДА** سنباده санги сайқал, санги махсуси сайқалдиҳӣ.

**СУНБОНИДАН** سنبانیدن *ниг.* **сунба задан**.

**СУНБУЛ** سنبل 1. гиёҳи пиёзбеха, ки гули

ҳалқавори хушбӯй дорад. 2. *маҷ.* зулфи (мӯи) маъшуқа. 3. *ниг.* **сунбула**.

**СУНБУЛА** I سنبله хӯшаи ҷав, гандум *ва г.*

**СУНБУЛА** II سنبله 1.бурҷи шашум аз 12 бурҷи фалакӣ. 2. номи яке аз моҳҳои шамсӣ, ки ба август-сентябр рост меояд.

**СУНБУЛИСТОН** سنبلستان гулзори сунбул.

**СУНҒУР** *т.* سنغر *ниг.* **сунқур**.

**СУНДУС** *а.* سندس навъе аз дебо ва ҳарир, ки бисёр нафис ва нозук аст, тафта.

**СУНИШ** سونش резаҳои филизӣ, ки дар вақти сӯҳон кардан мерезад, резгӣ, оҳансов.

**СУНҚУР** *т.* سنقر мурғи шикорӣ аз ҷинси чарғ, ки бисёр тезпар ва тезгир аст ва мурғи шикории подшоҳон будааст.

**СУННАТ** سنت *д.* 1. роҳ, равиш; одат. 2. ибодат ва маросими диние, ки пайравони мазҳаби суннат ва ҷамоат онҳоро ба ҷо меоваранд, вале ба ҷо овардани онҳо фарзу воҷиб нест; **аҳли суннат ва ҷамоат** пайравони мазҳаби суннӣ дар ислом. 3. урф, одат, расм, қоида; анъана: **тӯйҳои суннатӣ**.

**СУННАТГАРОӢ** سنتگرای пайравии шадид аз урфу одатҳо ва анъанаҳои мардумӣ, анъанапарастӣ, суннатпарастӣ.

**СУННАТӢ** سنتی *мансуб ба* **суннат**.

**СУННИМАЗҲАБ** سنی‌مذهب пайрави мазҳаби сунния дар ислом.

**СУННӢ** سنی *мансуб ба* **суннимазҳаб**.

**СУННОЪ** صناع *ҷ.* **сонеъ**.

**СУНУФ** صنوف *ҷ.* **синф**; синфҳо.

**СУНӮҲ** I *а.* سنه зани писар, арӯс.

**СУНӮҲ** II *а.* سنوح сонеҳ шудан, рӯй додан, воқеъ шудан.

**СУНЪ** *а.* صنع эҷод, офариниш, он чи сохта шудааст.

**СУНЪИСОХТ** صنعی‌ساخت он чи ба таври маснуӣ сохта шудааст; қалбакӣ.

**СУНЪӢ** صنعی 1. он чи ба тақлиди асли чизе сохта шудааст. 2. сохта, ғайритабиӣ, дастӣ сохташуда; **гули сунъӣ**, **табассуми сунъӣ**, **холи сунъӣ**, **шаршараи сунъӣ**.

**СУОЛ** I *а.* سؤال 1. пурсиш. 2. дархост. хоҳиш, илтимос; **суолу ҷавоб** пурсиш ва посух; муколама.

**СУОЛ** II *а.* سعال *кит.* сурфа, сулфа.

**СУПАРЕҒ** سپریغ *кит.* хӯшаи ангур.

**супор** سپار 1. *асоси замони ҳозира аз* **супурдан** ва **супоридан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* супоранда: **андозсупор**, **пулсупор**.

**СУПОР //СИПОР** سپار чархишт (чорхишт).

**СУПОРАНДА** سپارنده он ки чизеро ба касе месупорад.

**СУПОРИДАН//СУПУРДАН** سپاریدن//سپردن 1. додан; **имтиҳон супоридан, ҷон супоридан**. 2. вогузор кардан, ҳавола намудан. 3. таслим кардан. 4. чизеро барои нигаҳдорӣ (*ба ҷое, чизе*) додан.

**СУПОРИШ** سپارش 1. фармоиш, фармон. 2. кори фармудашуда; корфармоӣ; **супориш додан (кардан)** иҷрои кореро ба касе вогузор кардан. 3. вазифа, вазифаи ба касе супоридашуда. 4. дарс, дарсе, ки бояд берун аз мактаб иҷро карда шавад.

**СУПОРИШГАР** سپارشگر *ниг.* **супоришдиҳанда**.

**СУПОРИШДИҲАНДА** سپارش‌دهنده 1. он ки супориш медиҳад, он ки фармоиш медиҳад. 2. фармоишгар, фармоишдиҳанда.

**СУПОРИШӢ** سپارشی 1. супоришшуда, фармоишшуда. 2. фармоишӣ.

**СУПОРИШНОМА** سپارشنامه коғазе, ки дар он иҷрои коре ба касе вогузор карда ё фармуда шудааст.

**СУП-СУРХ** سپ سرخ *гуфт.* сурхи-сурх, сурхи баланд.

**СУПУРДАН** سپاردن *ниг.* **супоридан**; **ҷон супурдан** ҷон додан.

**СУПУРЗ** سپرز *ниг.* **испурз**.

**СУР** I سور 1. ҷашн, шодӣ. 2. зиёфат; тӯй.

**СУР** II سور яке аз навъҳои пӯсти қароқӯлӣ, ба ранги қаҳваӣ.

**СУР** III سور асп ё харе, ки дар пушти худ аз ёл то дум хати сиёҳе дорад.

**СУР** IV سر *гуфт.* рондан, таъқиб кардан; **сур кардан** дунбола, пеш кардан

**СУР** V *а.* سور *кит.* девори қалъа, ҳисор ва ё шаҳр.

**СУР** VI *а.* صور *кит.* буқ, шайпур, шохи дарунхолие, ки ба он медаманд ва аз он садо мебарояд; сурнай; **сури Исрофил** *д.* суре, ки он замон

аз фаро расидани рӯзи маҳшар хабар медиҳад.

**СУРА** سوره *д.* ҳар яке аз 114 боби (фасли) Қуръони маҷид.

**СУРАЙЁ** ثریا *нуҷ.* 1. чанд ситораи хурд, ки дар як ҷо гала шуда меистанд ва як ситора барин менамоянд, Парвин. 2. баландии осмон.

**СУРАЙЁМАКОН** ثریا مکان *киноя аз* олиҷоҳ, баландмартаба.

**СУРАЙЁМАҚОМ** ثریا مقام *киноя аз* олидараҷа, баландмартаба.

**СУРАЙЁСАРИР** ثریا سریر олитахт, олиҷоҳ; подшоҳи олимартаба.

**СУРАНҶОН** سرنجان *ниг.* **суринҷон**.

**СУРАТ** *а.* صورت 1. шакл, намуд; намуди зоҳирӣ, қиёфа; **сурат гирифтан** ба амал омадан, ба вуқуъ пайвастан. 2. тавр, тарз; **ба сурати...** а) ба шакли...ба намуди..., ба ҳоли...; б) ба таври...; **дар сурати...** дар мавриди...; ба вақти..., дар ҳолати...; **дар ҳар сурат** ба ҳар ҳол, чи тавре ки набошад...; **дар ин (он) сурат** дар ин (он) маврид, ин (он) тавр ки бошад. 3. рӯй, чеҳра; **сару сурат** сару рӯй, афту башара. 4. тасвир, расм; **сурати девор** *маҷ.* чизи беҷон, маҳрум аз рафтор ва ҷунбиш; **сурат кашидан** расм-нақши чизеро ба рӯи коғаз овардан; **сурат бастан** нақш ёфтан, ба тасаввур даромадан. 5. чигунагӣ, вазъ, кайфият; **сурати воқеа (ҳол)** тафсили воқеа, чигунагии воқеа; 6. *риёз.* дар касри одӣ рақаме, ки болои хатча навишта мешавад (*мас., дар 2 ду сурат ва 5 махраҷ аст*).

**СУРАТГАР** صورتگر сураткаш, рассом, мусаввир.

**СУРАТГАРӢ** صورتگری рассомӣ, наққошӣ, сураткашӣ.

**СУРАТГИР** صورتگیر суратбардор, аксгар, аккос.

**СУРАТГИРӢ** صورتگیری 1. бо дастгоҳи суратгирӣ гирифтани расми чизе. 2. амал ва кори суратгир, суратбардорӣ.

**СУРАТДОР** صورتدار расмдор (*мас., китоб*).

**СУРАТЗЕБ** صورتزیب он ки сурати хуб дошта ҳангоми суратгирӣ сураташ зебо мебарояд.

**СУРАТКАДА** صورت کده нигористон, суратхона, ҷои суратбардорӣ, аксбардорӣ, аккосӣ.

**СУРАТКАШ** صورتکش рассом, мусаввир, суратгар.

**СУРАТКАШӢ** صورتکشی рассомӣ; кори рассом, суратгарӣ.

**СУРАТМАҶЛИС** صورتمجلس сабти хатии рафти ҷаласа, протокол.

**СУРАТНИГОР** صورت نگار *ниг.* **суратгар**.

**СУРАТНИГОРӢ** صورت نگاری *ниг.* **суратгарӣ**.

**СУРАТНОК** صورتناک *ниг.* **суратдор**.

**СУРАТНОПАЗИР** صورتناپذیر он чи ки иҷрои он ғайриимкон аст.

**СУРАТНОПАЗИРӢ** صورتناپذیری имконнопазирӣ, иҷронашавандагӣ.

**СУРАТПАЗИР** صورتپذیر имконпазир, амалишаванда.

**СУРАТПАЗИРӢ** صورتپذیری имконпазир будан, иҷрошаванда.

**СУРАТПАРАСТ** صورتپرست 1. зоҳирпараст, шаклпараст, зоҳирбин. 2. он ки чеҳраи зеборо дӯст медорад. 3. *маҷ.* бутпараст.

**СУРАТПАРАСТӢ** صورتپرستی ибодат кардан ба сурат ва ҳайкал, дӯстдории чеҳраи зебо; бутпарастӣ.

**СУРАТСОЗ** صورت ساز *ниг.* **суратгир**.

**СУРАТХОНА** صورتخانه *ниг.* **нигористон**.

**СУРАТҲИСОБ** صورتحساب *мол.* ҳисоб, ҳисобнома, ҳисоби шахсӣ.

**СУРАТЧИСТОН** صورتچستان муаммоёбӣ аз рӯи расм.

**СУРБ** سرب *маъд.* филизи нисбатан нарми хеле вазнини хокистарранг, ки барои сохтани соҷма, тир, ҳарфҳои матбаа *ва г.* ба кор меравад, қӯрғошим.

**СУРБИН** سربین аз сурб сохташуда.

**СУРБӢ** سربی *ниг.* **сурбин**.

**СУРҒУЧ** سرغوچ моддаи сахти самғдоре, ки онро дар оташ нарм карда барои бастани лифофаҳо ва пахш кардани мӯҳр ба кор мебаранд.

**СУРҒУЧӢ** سرغوچی *марбут ба* **сурғуч**; аз сурғуч.

**СУРИЁНӢ** سوریانی 1. *мансуб ба* **Сурия**. 2. сокини Сурия.

**СУРИН** سرین кафал, сон; дунба, қисми аз зону болои пой.

**СУРИНҶ** سرنج *ниг.* **суғур**.

**СУРӢ** I سوری 1. сурх, сурхранг. 2. гули садбарги сурх.

**СУРӢ** II سوری қавми қадимаи эроннажоде дар Афғонистон.

**СУРМА** سرمه гарди сиёҳранге, ки аз хокаи қалъагӣ бо омехтаи моддаҳои дигар сохта, онро барои зебоӣ ва ё ҳамчун дору ба чашм мекашанд; **сурма хӯрдан** *мач.* гап назадан, сирреро ниҳон доштан.

**СУРМАГУН** سرمه گون *ниг.* **сурмаранг**.

**СУРМАДОН** سرمه‌دان зарфчае, халтачае, ки дар он сурма нигоҳ медоранд.

**СУРМАЙ** سرمه ای *ниг.* **сурмаранг**.

**СУРМАКАШ** سرمکش он ки ба чашми худ ё дигаре сурма мекашад.

**СУРМАКАШАК** سرمکشک мили борике, ки бо он ба чашм сурма мекашанд.

**СУРМАКАШӢ** سرمه کشی сурма кашидан.

**СУРМАНОК** سرمه ناک сурмакашида.

**СУРМАРАНГ** سرمه‌رنگ монанди сурма, сиёҳранг, ба сони сурма сиёҳ.

**СУРМАСО** سرمه‌سا 1. сурмакашида. 2. монанди сурма.

**СУРМАСОН** سرمه سان *ниг.* **сурмаранг**.

**СУРМАФОМ** سرمه فام *ниг.* **сурмаранг**.

**СУРМАХОК** سرمه خاک хоки маҳин, хоки соида.

**СУРМАЧӮБ** سرمه چوب мили сурмакашӣ, миле, ки бо он ба чашм сурма мекашанд.

**СУРНАЙ** سرنی нойи сур, сурной, ки дар тӯй, ҷашн ва идҳо ба ҳамроҳии созҳои дигар менавозанд.

**СУРНАЙНАВОЗ** سرنی‌نواز он ки сурнай менавозад.

**СУРНАЙНАВОЗӢ** سرنی نوازی сурнай навохтан, навозиши сурнай.

**СУРНАЙЧА** سرنیچه найи хурд.

**СУРНАЙЧӢ** سرنیچی *ниг.* **сурнайнавоз**.

**СУРНОӢ** سرنائی 1. сурнайнавоз. 2. сурнайнавозӣ.

**СУРНОЙ** سرنای *ниг.* **сурнай**.

**СУРОБ** سراب 1. намуд, шакл, поза. 2. намуди чизе, ки дар торикӣ ва ё туман аз дур ба назар менамояд.

**СУРОҒ** سراغ 1. ҷустуҷӯ, пурсуков, пурсиш (*ҷои чизе, ё касеро*) хабаргирӣ. 2. нишон, аломат, дарак, хабар; **суроғ доштан** *аз чизе* нишону ҷои чизеро донистан, хабардор будан; **суроғ кардан** пурсуҷӯ кардан, пурсон шудан; кофтан; **суроғу пай кардан** ҷою хабари касеро ҷустан.

**СУРОҒА** *т.* سراغه *ниг.* **нишонӣ**.

**СУРОН** سران *гуфт.* бо шавқун ва ғалоғулаву дода фарёд, ҳамдигарро пеш кардан.

**СУРОСУР** سراسور *гуфт.* гурезогурез ва таъқиб.

**СУРОҲ** *а.* صراح *кит.* 1. холис, беғаллу ғаш, беолиш. 2. номи китоби луғате аз арабӣ ба тоҷикӣ.

**СУРОҲӢ** صراحی кӯза ё шишаи гардандарози махсус барои шароб.

**СУРРА** *а.* صره *кӯн.* ҳамёни тангаву тилло.

**СУРРИЯ(Т)** *а.* سریه//سریت зани ғайриникоҳӣ; канизаки махсус барои айшу ишрат ва ҳамхобагӣ.

**СУРУ** سرو *кит.* шохи гов, буз *ва г.*, сарун.

**СУРУД** سرود 1. хониши одам ё парандаҳо, нағма, тарона; **суруд гуфтан** тарона хондан, ҳофизӣ кардан. 2. шеъре, ки махсус барои сароидан гуфта шудааст: **суруди озодӣ**.

**СУРУДА** سروده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **сурудан**. 2. шеър: **сурудаҳои шоирони халқӣ**.

**СУРУДАН** سرودن 1. суруд хондан, нағмасароӣ кардан, бо оҳанг хондан. 2. *мач.* хониши парандагон. 3. шеър гуфтан.

**СУРУДГӮӢ** سرودگوئی овозхонӣ, нағмасароӣ, ғазалхонӣ.

**СУРУДДӮСТ** سرود دوست он ки дӯстдори сурудхонӣ бошад.

**СУРУДНАВИС** سرودنویس шоире, ки шеърҳои суруданӣ (тарона) менависад.

**СУРУДНАВИСӢ** سرودنویسی суруд навиштан, суруднависӣ кардан.

**СУРУДСАРО(Й)** سرودسرا(ی) *ниг.* **сурудхон**.

**СУРУДХОН** سرودخوان он ки бо оҳанг суруд мехонад, ҳофиз.

**СУРУДХОНӢ** سرودخوانی ҳофизӣ, ғазалсароӣ, овозхонӣ.

**СУРУК** سروک рама, рамаи бузу гӯсфанд.

**СУРУН** سرون *ниг.* **сурин**.

**СУРУР** *а.* سرور шодӣ, хурсандӣ, шодмонӣ, нишот.

**СУРУРАНГЕЗ** سرورانگیز шодибахш, хурсандиовар.

**СУРУРБАХШ** سروربخش хурсандкунанда, шодиовар.

**СУРУРОВАР** سرورآور *ниг.* **сурурбахш**.

**СУРӮШ** سوروش *кит.* фариштаи пайғомовар; фаришта.

**СУРФА** I سرفه садои раъшадоре, ки ба сабаби сармохӯрдагӣ ва бемории шуш ва аъзои нафасгирӣ аз сина ва гулӯ мебароянд, сулфа.

**СУРФА** II سرفه *гуфт.*, *ниг.* **суфра** 1.

**СУРФИДАН** سرفیدن сурфа кардан.

**СУРХ** سرخ 1. ба ранги хун, қирмизӣ, гулгун; **гули сурх, шароби сурх.** 2. *кҳн. мансуб ба* инқилоби октябр ва ба сохти шуравӣ: **аскари сурх, байрақи сурх, инқилоби сурх, чойхонаи сурх; калтакдорони сурх** номи дастаҳои фидоӣ дар Тоҷикистон, ки ба муқобили аксулинқилобчиён меҷангиданд; **корвони сурх** қатори воситаҳои нақлиёт, ки молҳои зарури аҳолиро меоварданд ё ҳосили навро аввалин шуда ба марказҳои кабул мебурданд; **тӯи сурх** *таър.* ҷашни арӯсие, ки на бо урфу одати суннатӣ, балки бо тартиботи нави шӯравӣ гузаронида мешуд; **сурх кардан** а) ба ранги сурх даровардан, ранги сурх (сурхӣ) молидан (*мас., занҳо лаби худро*); б) *маҷ.* касеро ба хиҷолат монондан; **сурх шудан** а) ба ранги сурх даромадан; б) дар оташи тафсон пухта кабоб шудан (*мас., гӯшт*); в) *маҷ.* шарм доштан, хиҷолат кашидан; **сурх шудани чашм** сурхӣ дамидан ба сафедаи чашм аз бедорхобӣ ё беморӣ; **сурху сафед шудан** *бо касе* дар баҳс дар сари масъалае баҳсу мунозира кардан; оташин шудан, гап гурехтан байни ду кас; **сурх шудан, сафед шудан** ба изтироб афтодан, аз ҳаяҷон тағир ёфтани ранги рӯй; **забони сурх** гапи бемулоҳиза ва бемаврид гӯянда (*сифати забони бад*); **забони сурх сари сабзро медиҳад барбод** (*зарб.*); **бо рӯи сурх** бе хиҷолатмандӣ ва бе кӯтаҳзабонӣ, сарбаландона.

**СУРХАК** سرخک 1. сурхтоб, ба сурхи моил (*ранг*). 2. як навъ ангури тезпазак. 3. як навъ гандум. 4. *тиб.* бемории гузарандае дар бачагон (сурхча, сурхакон).

**СУРХАКОН** سرخکان *ниг.* **сурхак** 4.

**СУРХБЕД** سرخبید навъе аз дарахти бед; маҷнунбед.

**СУРХБИНӢ** سرخ بینی он ки бинияш ҳамеша сурх бошад.

**СУРХЗАМИН** سرخ زمین замине, ки хокаш сурхранг аст.

**СУРХИНА** سرخینه сурхтоб, сурхча (*ранг*).

**СУРХИНАРӮЙ** سرخینه‌روی он ки ранги рӯяш ба сурхӣ моил аст.

**СУРХӢ** سرخی 1. сурхрангӣ. 2. ранги сурх барои хатнависӣ. 3. ғоза, гулгуна, ки занҳо ба рухсора моланд; **сурхӣ давидан** ба рӯй аз ҳаяҷон, шодӣ *ва г.* сурхчатоб шудани рӯй.

**СУРХМӮ(Й)** (سرخمو(ی он ки мӯи ба сурхӣ моил дорад.

**СУРХНОЙ** سرخنای *ниг.* **сурхрӯда**.

**СУРХОБ** I سرخآب 1. оби сурх, оби лойолуд. 2. гулгуна, ғоза, сурхӣ, ки занҳо ба рухсора мемоланд.

**СУРХОБ** II سرخآب навъе аз мурғобии сурхранг, харчал.

**СУРХПӮСТ** سرخپوست он ки пӯсти баданаш сурхранг бошад.

**СУРХПӮШ** سرخپوش он ки либоси сурх дар бар дорад.

**СУРХРАНГ** سرخرنگ ба ранги сурх.

**СУРХРӮДА** سرخروده *анат.* рӯдаи пайвасткунандаи меъда ва даҳон, сурха.

**СУРХРИШ** سرخ ریش дорои риши сурхранг; он ки риши худро бо ҳино ранг кардааст, он кӣ ришашро хизоб кардааст.

**СУРХРӮЙ** سرخروی 1. он ки ранги рӯяш моил ба сурхист. 2. *маҷ.* баобрӯ, баэътибор, сарбаланд, боифтихор; **сурхруй шудан** аз хиҷолатмандӣ баромадан, аз забонкӯтоҳӣ баромадан.

**СУРХРУХСОР** سرخرخسار *ниг.* **сурхрӯй**.

**СУРХТОБ** سرختاب ба сурхӣ моил, сурхранг.

**СУРХХОК** سرخ خاک *ниг.* **сурхзамин**.

**СУРХҲО** سرخها *таър.* шӯравиён; аскарони сурхи шуравӣ.

**СУРХЧА** سرخچه 1. ба сурхи моил, сурхтоб. 2. *тиб.* касалии гузарандаи бачагон, ки дар бадан доначаҳои сурх мебароянд, сурхак, сурхакон.

**СУРХЧАТОБ** سرخچه‌تاب сурхча, моил ба сурхӣ, сурхтоб.

**СУРХЧАШМ** سرخچشم 1. он ки чашмаш сурх аст. 2. *мач.* маст; ошиқ.

**СУРХЧЕҲРА** سرخ چهره *ниг.* **сурхрӯй**.

**СУРЪАТ** *а.* سرعت 1. тезӣ, зудӣ дар рафтор ва фаъолият, дараҷаи тезии ҳаракати чизе ё коре; **ба суръат** ба тезӣ, бо шитоб. 2. дар механика нисбати роҳи тайкардаи ҷисм ба воҳиди вақт.

**СУРЪАТАФЗО** سرعت‌افزا *ниг.* **суръатфазо**.

**СУРЪАТНОК** سرعتناک босуръат, тез.

**СУРЪАТНОКӢ** سرعتناکی суръат, тезӣ, зудӣ.

**СУРЪАТФАЗО** سرعت‌فزا суръатбахшанда, тақвиятдиҳандаи суръат.

**СУРЪАТФИЗО** سرعت فزا *ниг.* **суръатфазо**.

**СУС I** سوس *бот.* растании худрӯи зардгулест, ки дар решааш ғуддаҳо мерӯяд, бия; **суси талх** суси баргҳояш хокистарӣ ранги ғуддаҳояш хеле талх, ки ба ғайр аз сӯхтан ба чизе кор намеояд; **суси ширин** суси баргҳояш сабзи баланди сурхчатоб, ки ғуддаҳои решааш ширин мешавад ва шираи он дар тиб ба кор меравад, ширинбия.

**СУС II** سوس *кит., зоол.* шапалаки майдаи зараррасон, ки матоъҳои пашмиро мехӯрад ва ба ғалладона меафтад, куя, митта.

**СУСЗОР** سسزار биязор, макони бия.

**СУСМОР** سوسمار *зоол.* ҷонвари хазандаи баданаш дарозрӯяи думдароз, калтакалос.

**СУСТ** سست 1. беҳол, беқувват, бемадор, заиф. 2. оҳиста, камсуръат; *муқоб.* **тез**, **сареъ**. 3. он чи таранг кашида нашуда бошад; *муқоб.* **сахт кашидашуда**, **таранг**; **суст мондан** сахтгирӣ накардан дар коре, пешгирӣ накардан, аҳамият надодан, бепарвоӣ кардан дар коре; **суст омадан** муқобилат накардан, шиддат ва қатъият нишон надодан; **суст шудан** а) беҳол, бемадор шуда мондан; б) камшавии шиддати чизе; беқатъиятӣ дар коре.

**СУСТАҚИДА** سست عقیده *ниг.* **сустэътиқод**.

**СУСТАНДЕШ** سست‌اندیش кундзеҳн, дар мулоҳизаронӣ дарангкунанда; каммулоҳиза.

**СУСТАРКОН** سست‌ارکان он чи дар болои поя ва ё сутунҳои номустаҳкам қарор дорад, он чи пояҳову бунёдаш заиф аст, ноустувор.

**СУСТАСОС** سست‌اساس он чи далелу бурҳони қотеъ надорад.

**СУСТАҲД** سست‌عهد он ки дар қавли худ устувор ва пойдор нест; паймоншикан.

**СУСТАҲДӢ** سست عهدی бевафоӣ, ваъдахилофӣ.

**СУСТБОЗУ** سست‌بازو заиф, камқувват, он ки бозуи қавӣ надорад.

**СУСТБУНЁД** سست‌بنیاد он чи таҳкурсии мустаҳкам надорад; ноустувор, номаҳкам.

**СУСТГАРД** سست‌گرد оҳистагард; сустрафтор; *муқоб.* **тезрафтор**.

**СУСТГИРӢ** سست‌گیری мусолиҳакорӣ дар диққат ва назорат ба корҳо; *муқоб.* **сахтгирӣ**.

**СУСТДИЛ** سست دل 1. дили суст, дили дардманддошта, он ки кори дилаш ғайримуътадил ва суст аст. 2. *мач.* беғайрат, сустирода.

**СУСТИРОДА** سست‌اراده камирода, беқатъият, ноустувор дар кор.

**СУСТИРОДАГӢ** سست‌ارادگی ноустуворӣ, камиродагӣ.

**СУСТӢ** سستی 1. камқувватӣ, беҳолӣ, нотавонӣ; заъф, оҷизӣ. 2. мусоҳилакорӣ, ноустуворӣ, саҳлгирӣ; таъхир. 3. кундӣ ва оҳистагӣ (дар кор, рафтор). 4. мулоимӣ, мулоимтабиатӣ, нармхӯӣ; **сустӣ кардан** а) мусоҳила кардан, саҳл гирифтан; б) тезу чаққон набудан.

**СУСТКАМАР** سست‌کمر он ки ҷимоъ карда натавонад, бемиён, бепушт.

**СУСТКОР** سست‌کار танбал, коҳил; *муқоб.* **чаққон, чобук** (*дар иҷрои корҳо*).

**СУСТКОРӢ** سست‌کاری кундӣ ва оҳистагӣ дар иҷрои коре.

**СУСТКӮШ** سست‌کوش сустсаъй, сусткор, беғайрат, мусоҳилакор.

**СУСТҚАДАМ** سست‌قدم 1. он ки оҳиста роҳ меравад, оҳистарав. 2. сусткор.

**СУСТМАҒЗ** سست‌مغز камақл, ноқисақл; бедимоғ.

**СУСТМИЗОҶ** سست‌مزاج *кит.* камқатъият, камирода; ноустувор.

**СУСТНИҲОД** سست‌نهاد *ниг.* **сустбунёд**.

**СУСТОВОЗ** سست‌آواز он ки овози пасти тез хасташаванда дорад.

**СУСТПАЙ** سست‌پی *киноя аз* сустбунёд; ноасл, пастнажод.

**СУСТПАЙМОН** سست‌پیمان *ниг.* **сустаҳд**.

**СУСТРАВ** سست‌رو *ниг.* **сустгард**.

**СУСТРАГ** سست‌رگ *киноя аз* беаҳамият, беғайрат, бепарво.

**СУСТРОЙ** سست‌رای сустандеш, хомфикр, камфаросат.

**СУСТҲАРАКАТ** سست‌حرکت 1. суст ҳаракаткунанда. 2. сусткор.

**СУСТҲАРАКАТӢ** سست‌حرکتی *исми амал аз* **сустҳаракат**.

**СУСТҲИММАТ** سست‌همت сустирода, беҷуръат.

**СУСТҶАВЛОН** سست‌جولان сустҳаракат, сустрафтор.

**СУСТШАВӢ** سست شوی 1.дар ҳаракат пастшавӣ. 2. заифшавӣ, оҷиз шудан**.**

**СУСТЭЪТИҚОД** سست‌اعتقاد он ки эътиқод надорад; ноустувор.

**СУТ** سوت ҳуштак; гудок; **сут задан** ҳуштак кашидан.

**СУТОМ** سوتام *кит.* андак, кам.

**СУТРА** ستره *кит.* либос, пӯшок.

**СУТУДА** ستوده *ниг.* **ситуда**.

**СУТУДАГУЗИН** ستوده گذین он ки интихобаш писандида аст, некинтихоб; *муқ*. ситудагузин.

**СУТУДАН** ستودن *ниг.* **ситудан**.

**СУТУДОН** ستودان дахма, гӯрхонаи габрон, гӯрхонаи оташпарастон; гӯристон.

**СУТУН** ستون 1. чӯби ғафси дароз, ки онро рост мегузоранд ва он сақфро нигоҳ медорад; (*сутун сангӣ, хиштӣ ва оҳанӣ ҳам мешавад*), поя; **сутуни киштӣ** чӯби ғафси баланд дар киштиҳо. 2. қатораҳои як саҳифаи рӯзнома ё китоб. 3. *маҷ.* пуштибон, пуштупаноҳ, ҳимоя; воситаи пойдории чизе.

**СУТУНБАНДӢ** ستون‌بندی матнро дар ҷадвал ҷо додан, ба сутунҳо ҷудокунии матн.

**СУТУНГӮША** ستون‌گوشه сутун ва пояҳои кунҷӣ.

**СУТУНДОР** ستون دار бинои сутундошта.

**СУТУНМӮҲРА** ستون‌مهره риштаи устухонҳои ҳалқашакл, ки дар инсон аз таги гардан то миён ҷо дорад ва аз 33 мӯҳра иборат аст.

**СУТУНЧА** ستونچه сутуни майда; хатчаҳои амудии ҷадвал.

**СУТУР** I ستور *кит.* чорпои саворӣ ё боркаш, чун асп, хар, хачир.

**СУТУР** II سطور *ҷ.* **сатр** (сатрҳо); **роқими сутур** нависандаи ин сатрҳо.

**СУТУРА** ستوره устура, теғи мӯйсартарошӣ, покӯ.

**СУТУРВАН//САТАРВАН** سترون зане, ки кӯдак намезояд, зани нозо, ақим.

**СУТУРГ** سترگ *кит.* 1. бузург, калон. 2. қавӣ, тануманд.

**СУТУРГӢ** سترگی бузургӣ ва ҳайбат.

**СУТУРГОҲ** سترگاه *кит.* истабл, тавила, аспхона.

**СУТУРДАН** ستردن тарошидан, пок кардан (*муйро*); кӯр кардан (*хатро*).

**СУТУРЛОБ//СИТУРЛОБ** *ю.* صطرلاب//سترلاب *шакли дигараш* **устурлоб**.

**СУТУРЛОБДОН//СИТИРЛОБДОН** صطرلاب‌دان мунаҷҷим, ҳайатшинос, ситорашинос.

**СУТУРЛОБНИГАР** سطرلاب‌نگر//صطرلاب‌نگر мунаҷҷим, ситорашинос, расадкунанда.

**СУТУРЛОБСАНҶ** سطرلاب‌سنج//صطرلاب‌سنج *ниг.* **сутурлобнигар**.

**СУТУХОН** ستوخوان (*шакли шеърӣ*) *ниг.* **устухон**.

**СУТХОН** ستخوان устухон (*шакли шеърӣ*).

**СУТӮҲ** I ستوه *кит.* 1. дилтангӣ, дармондагӣ, малулӣ; **ба сутӯҳ омадан** ба танг омадан, безор шудан; 2. озор, хастагӣ; **сутӯҳ додан** ранҷ расонидан, азоб додан.

**СУТӮҲ** II *а.* سطوح *ҷ.* **сатҳ**.

**СУТӮЪ** *а.* ستوع *кит.* боло рафтан ва паҳн шудан (*гарду ғубор*).

**СУУБАТ** *а.* صعوبت *кит.* сахтӣ, душворӣ, мушкилӣ.

**СУУД** I *а.* صعود *кит.* баромадан ба боло, боло рафтан.

**СУУД** II *а.* سعود *ҷ.* **саъд**.

**СУФ** I *а.* صوف порчаи нахии сафед барои либосвории так *ва ғ.*; **суфи хом** суфи дастибоф.

**СУФ** II *а.* صوف **:суфу куф кардан** *д.* духонии азоимхонон.

**СУФА** صفه нишастангоҳе, ки дар пеши хонаҳо ё дар майдонҳои боғ аз замин баландтар (бештар аз лой) сохта мешавад.

**СУФАКӮҲ** صفه‌کوه *ҷуғр.* ҷое, қитъае, ки аз сатҳи баҳр нисбат ба ҳамвориҳои дигар баландтар воқеъ гашта ва аз атрофи худ бо ҷарӣ ва шаххҳо бурида шудааст.

**СУФАРО** *а.* سفرا *ҷ.* **сафир**.

**СУФАСТОӢ** سوفسطای ҷараёни фалсафӣ дар Юнони қадим, ки олам ва мавҷудотро хаёлӣ ва мавҳум медонистанд.

**СУФЛ** *а.* ثفل 1. дурда, таҳнишаста. 2. ахлот.

**СУФЛӢ** I ثفلی дурдӣ.

**СУФЛӢ** II سفلی *ниг.* **сифлӣ**.

**СУФМОҲӢ** سفماهی як намуд моҳии пахншикам, судак.

**СУФОЛ//СИФОЛ//САФОЛ** سفال зарфи гилӣ, ки дар хумдон пухта шудааст (*мас., коса, кӯза, гулдон ва г.*)

**СУФОЛИН** سفالین *мансуб ба* **суфол**; сафолӣ.

**СУФОЛӢ//СИФОЛӢ//САФОЛӢ** سفالی *мансуб ба* **сафол**; сафолин.

**СУФПӮШ** صوفپوش *кит.* 1. он ки суф пӯшад пашминапӯш (либоси сӯфиён). 2. сӯфӣ, дарвеш.

**СУФР** *а.* صفر миси зард, ҳарири суфру тилло оҳану мису тилло.

**СУФРА** سفره 1. дастархон. 2. пӯсте, ки дар он хамир рост кунанд; суфраи мешӣ; **дил (сина)-и худро** *пеши касе* **суфра кардан** замири дили худро ба касе гуфта додан, чизеро аз касе пинҳон накардан.

**СУФРА(Т)** *а.* صفرت//صفره зардӣ.

**СУФРАМОҲӢ** سفره‌ماهی гурӯҳе аз моҳиҳои болдори паҳншикам.

**СУФТ** سفت *кит.* 1. китф, дӯш, шона; **ёлу суфт** китфу гардан(-и асп). 2. сӯрох, рахна; сӯрохи сӯзан. 3. *маҷ.* паҳлу, бари чизе: **суфи кӯҳ**.

**СУФТА** سفته 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **суфтан**. 2. сӯрох кардашуда. 3. *гуфт.* ҳамвор, ҷилодор, шаффоф; **санги суфта** санги ҳамвор. 4. *маҷ.* тир, пайкони тир. 5. тез, тезкарда, тезнӯг: суфта кардан а) ҳамвор кардан; б) ҷилодор кардан; в) сӯрох кардан.

**СУФТАГАР** سفتگر касе ки марворид, марҷон ва ғайраро соида суфта ва сӯрох мекунад.

**СУФТАГАРӢ** سفته‌گری амал ва кори суфтагар.

**СУФТАГӮШ** سفته‌گوش *кит.* 1. он ки гӯшаш сӯрох карда шудааст, сӯрохгӯш. 2. *маҷ.* фармонбардор, ғулом.

**СУФТАКУНАНДА** سفته کننده *ниг.* **суфтагар**.

**СУФТАН** سفتن 1. сӯрох кардан; **дурр суфтан** а) марворидро барои ҳамел кардан дар ришта сӯрох кардан; б) *маҷ.* сухани зебои пурмаъно гуфтан, шеър гуфтан. 2. соида шудан; соида ҳамвор шудан, шаффоф шудан.

**СУФУЛ** *а.* سفول пастӣ, чуқурӣ, умқи чизе.

**СУФУН** *а.* سفون *ҷ.* **сафина**.

**СУФУФ** *а.* صفوف *ҷ.* **саф**.

**СУФФА** صفه *ниг.* **суфа**.

**СУФЧА** سوفچه *кит.* шӯшаи тилло ва ё нуқра; резаи тилло ё нуқра.

**СУХ** سوخ *кит., ниг.* **пиёз**.

**СУХАН** سخن гап, калом, гуфтор; **сухани бемаънӣ** сухани бемағз; **сухани обдор** гапи таъсирбахш, гапи фасеҳу балеғ; **сухани охирин** а) сухани баъди ҳамаи гапҳо гуфтаи касе; б) сухани баъди музокира ва фикррониҳо эродкардаи соҳиби маърӯза; **сухани подарҳаво (ҳавоӣ)** гапи беасос, гапи бедалелу субут; **сухани сарбаста** гапи мубҳам ва муғлақ, гапи муаммоомез; **сухани талх** гапи нешдор, гапи ногувор; **сухани сахт** гапи тунду тез, гапи сахт таъсиркунанда; **сухани ширин** гапи дилнишин, гапи бо мулоимат гуфташуда, гапи нағзу форам; **ба сухан баромадан** дар маҷлис ё ҷамъомаде баромада гап задан; **сухани** *касеро* **буридан** гуфтори касеро қатъ кардан, ба охир расонидани сухани касе фурсат надода ба гап даромадан; **сухани** *касеро* **гардондан** илтимоси касеро рад кардан; **сухан гирифтан** ба сухангӯӣ дар маҷлис иҷоза хостан; **ба сухан даромадан** гап сар кардан; **ба сухани** *касе* **даромадан** ба гуфтаи касе итоат кардан, гапи касеро кабул ва иҷро кардан; гапдаро будан; **сухани** *касеро* **аз даҳонаш гирифтан** сухани касеро бурида худ ба гап даромадан, сухани касе тамом нашуда ба гап даромадан; **сухан додан** дар маҷлисе ба касе навбати сухаронӣ додан; **доди сухан додан** бо маҳорати баланд сухан гуфтан, хеле фасеҳу маънодор гап задан; **сухани** *касеро* **ба замин задан (андохтан, мондан)** ба гапи касе эътибор надодан, гуфтаи касеро ба инобат нагирифтан; **сухан кардан** гап задан; **сухан кушодан** дар бораи чизе гап сар кардан, аввалин шуда дар масъалае гап ба миён овардан; **аз сухан мондан** гап зада натавонистан (*мас., одами бемор дар ҳолати назъ*); **сухан ба (дар) даҳон мондан** гапи касе ногуфта, нотамом мондан; **ба сухани** *касе* **лаб мондан** гапи касеро тасдиқ ва таъкид кардан, гуфтаи касеро қувват додан; **сухан ба миён овардан** дар бораи масъалае гап кушодан; **сухан пурсидан (хостан)** барои сухаронӣ дар маҷлисе иҷозат талабидан; **сухан рафтан** *дар бораи чизе* зикр ёфтани чизе, гап сар шудан дар бораи чизе;

**сухан рондан** гап задан; **сухани** *касеро* **шикастан** гапи касеро рад кардан, гуфтаи касеро қабул накардан; **ба сухан (гап) ҷома пӯшондан** бо обу ранг гап задан, гаперо бо алфози пуртумтароқ ифода кардан, муболиға ба кор бурдан.

**СУХАНБОЗ** سخن‌باز 1. бо сухан моткунанда, чарбзабон. 2. беҳудагӯй, лофзан.

**СУХАНБОЗӢ** سخن‌بازی суханони беҷавобу моткунанда гуфтан, лофзанӣ кардан.

**СУХАНБОФ** سخن‌باف суханпардоз, сухандон.

**СУХАНБОФӢ** سخن‌بافی суханпардозӣ, сухандонӣ.

**СУХАНВАР** سخنور 1. соҳиби гуфтори фасеҳу балеғ, гапдону натток, хушгуфтор. 2. шоир, адиб.

**СУХАНВАРӢ** سخنوری сухангӯӣ бо фасоҳату балоғат, суханорой, суханвар будан.

**СУХАНВАРОНА** سخن‌ورانه шоирона, аз рӯи суханварӣ.

**СУХАНГАР** سخن‌گر суханвар, гӯяндаи сухани фасеҳ ва балеғ; нотиқ.

**СУХАНГУЗОР** سخن‌گزار сухангӯй, гӯянда.

**СУХАНГУСТАР** سخن‌گستر тафсиркунандаи сухан; суханпардоз, суханвар.

**СУХАНГУСТАРӢ** سخن‌گستری суханварӣ, шоирӣ.

**СУХАНГӮ(Й)** سخنگو(ی) 1. гапзананда, гӯянда; гапзан, нотиқ; **лаъли сухангӯ** *маҷ.* лаби маҳбуба. 2. шореҳ, муфассир; **сухангӯи дафтари матбуот** (*маъмулан дар назди вазорати корҳои хориҷӣ*).

**СУХАНГӮӢ** سخن‌گوئی натток, гапзананда, маърӯзакунанда.

**СУХАНДАРОӢ** سخن‌درائی сухангӯӣ, сухансароӣ, ба сухангӯӣ оғоз кардан.

**СУХАНДАРОЙ** سخن‌درای сухангӯй, сухансарой.

**СУХАНДОН** سخن‌دان 1. гапдон, гапзан; сухансанҷ. 2. адиб, шоир.

**СУХАНДОНӢ** سخندانی гапдонӣ, расидан ба қадри сухани баланд, моҳир дар таҳрир ва таҳияи матн.

**СУХАНДӮСТ** سخن‌دوست дӯстдори суханони бадеъ.

**СУХАННОШУНАВ** سخن‌ناشنو он ки маслиҳат ва насиҳатро ба инобат намегирад, гапногир.

**СУХАННОШУНАВӢ** سخن‌ناشنوی насиҳату пандро гӯш накардан, гапногирӣ.

**СУХАНОВАР** سخن آور *ниг.* **суханвар**.

**СУХАНОРО(Й)** سخن آرا(ی) он ки хубу фасеҳ гап мезанад ё менависад, суханвар.

**СУХАНОРОӢ** سخن‌آرائی амалу сифати суханоро.

**СУХАНОФАРИН** سخن‌آفرین *кит.* эҷодкунандаи сухан; шоир.

**СУХАНПАЙВАНД** سخن پیوند суханвар, нозими сухан, шоир.

**СУХАНПАРАСТ** سخن‌پرست парастандаи сухан, дӯстдори каломи бадеъ.

**СУХАНПАРВАР** سخن پرور суханвар, шоир.

**СУХАНПАРВАРӢ** سخن پروری суханварӣ, шоирӣ.

**СУХАНПАРДОЗ** سخن‌پرداز *ниг.* **суханоро.**

**СУХАНПАРДОЗӢ** سخن‌پردازی суханорой, зебо сухан гуфтан; ородиҳии сухан, суханварӣ.

**СУХАНПАРДОЗОНА** سخن پردازانه суханпардозӣ карда гап задан.

**СУХАНПАРОКАНӢ** سخن‌پراکنی 1. сухангӯӣ, сухан гуфтан. 2. пахши гуфтор ба воситаи барномаҳои радиоӣ.

**СУХАНРЕЗА** سخن‌ریزه *киноя аз* сухани пуч, сухани бемағз.

**СУХАНРОН** سخنران 1. гапзананда, гӯянда. 2. нутққкунанда, нотиқ, сухангӯй.

**СУХАНРОНӢ** سخنرانی гапзанӣ, нотиқӣ, гӯяндагӣ.

**СУХАНСАВОР** سخن‌سوار *киноя аз* суханвар, нотиқи моҳир.

**СУХАНСАНҶ** سخن‌سنج 1. гапфаҳм, гапшинос. 2. адиб, мунаққид, адабиётшинос.

**СУХАНСАНҶӢ** سخن‌سنجی сухандонӣ, расидан ба қадри сухан; огоҳӣ аз рамузи сухан; мунаққидӣ.

**СУХАНСАРО(Й)** سخن‌سرا (ی) шеъргӯй, шоир.

**СУХАНСАРОӢ** سخن‌سرائی шеъргӯӣ, шоирӣ.

**СУХАНСОЗ** سخن‌ساز эҷодкунандаи сухан, суханпардоз; шоир.

**СУХАНТАЛАБ** سخن طلب донандаи қадри сухан; шеърдӯст.

**СУХАНТИРОЗ** سخن‌طراز *маҷ.* суханоро; суханпардоз, шоир.

**СУХАНФАҲМ** سخن‌فهم 1. гапшинос; нуктафаҳм; 2. *маҷ.* тезфаҳм, зирак.

**СУХАНФАҲМӢ** سخن‌فهمی маънои сухани пӯшидаро зуд фаҳмидан.

**СУХАНЧИН** سخن‌چین он ки гапи касеро ба дигарон расонда боиси низоъ мешавад, хабаркаш, иғвогар.

**СУХАНЧИНӢ** سخن‌چینی хабаркашӣ, иғвогарӣ.

**СУХАНШИНОС** سخن‌شناش он ки аз нозукиҳои калом огоҳ аст; гапфаҳм; адиб, шеърнавис, нуктадон.

**СУХАНШУНАВ** سخن‌شنو 1. он ки ба гап (насиҳат) гӯш медиҳад ва амал мекунад. 2. *маҷ.* тарбиятпазир; **гӯши суханшунав** он ки ба сухани (насиҳати) дигарон гӯш меандозад.

**СУХРА** I سخره *кит.* 1. масхара кардан. 2. боиси масхара ва истеҳзо, хандахариш, расвошуда; **сухраи олам** расвои олам.

**СУХРА** II سخره кори маҷбурии бемузд.

**СУХРИЯ(Т)** *а.* سخریه//سخریت тамасхур, истеҳзо, ришханд, хандахариш.

**СУХСУР** سخسور *зоол.* тазавр, титав.

**СУХУН** سخون *ниг.* **сухан**.

**СУХУНАТ** I *а.* سخونت гармӣ, таф, ҳарорат.

**СУХУНАТ** II *а.* ثخونت дуруштӣ; ғафсӣ.

**СУҲАЙЛ** *а.* سهیل *ниг.* номи ситорае, ки дар шабҳои охири тобистон дида мешавад.

**СУҲУБ** *а.* سحب *ҷ.* **саҳоб**.

**СУҲУЛ** *а.* سهول *ҷ.* **саҳл**.

**СУҲУЛАТ** *а.* سهولت саҳл будан, душвор набудан, осонӣ.

**СУҲУР//САҲУР** *а.* سحور 1. вақти пеш аз дамидани субҳ. 2. *д.* хӯроке, ки рӯзадорон дар айёми рамазон пеш аз дамидани субҳ мехӯранд, саҳурӣ.

**СУҲУФ** *а.* صحف *ҷ.* **саҳифа**.

**СУҶУД** *а.* سجود пешонӣ бар замин мондан барои ибодат ё изҳори итоат саҷда кардан; **рукӯъ ва суҷуд** хам шуда саҷда кардан вақти намоз.

**СУЪ** *а.* سوء *ниг.* **су** I.

**СУЮД** *а.* صیود *ҷ.* **сайд**.

**СУЮРҒОЛ** *м.* سیورغال иқтоъ, замине, ки аз тарафи подшоҳ ба таври бахшиш ба амалдорон дода мешуд.

**СУЮФ** *а.* سیوف *ҷ.* **сайф** I.

**СӮ(Й)** سو(ی) тараф, ҷониб, ҷиҳат.

**СӮБА** *а.* صوبه *ниг.* **савба**.

**СӮБАДОР** صوبه دار *ниг.***савбадор**.

**СӮГ** سوگ *кит.* мотам азо; мусибат, андӯҳ.

**СӮГВОР** سوگوار *кит.* азодор, мотамдор; мусибатзада.

**СӮГВОРӢ** سوگواری *кит.* мотамдорӣ, азодорӣ; андӯҳгинӣ.

**СӮГДОР** سوگ دار *ниг.* **сӯгвор**.

**СӮГДОРӢ** سوگ داری *ниг.* **сӯгворӣ**.

**СӮГЗАДА** سوگ زده азодор, он ки мотам дорад.

**СӮГНОК** سوگ ناک *ниг.* **сӯгзада**.

**СӮГНОМА** سوگنامه таъзиянома, номаи таъзият.

**сӯз** سوز 1. асоси замони ҳозира аз **сӯхтан**; 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* сӯзонанда: **дилсӯз, хонумонсӯз, ҷигарсӯз…**

**СӮЗ** سوز 1. *исми масдар аз* **сӯхтан**; сӯзиш. 2. *маҷ.* дард, алам, андӯҳ; **сӯзу гудоз** сӯхтану гудохтан, ғаму алами сахт; **сӯзу соз** сӯхтану тоқат кардан (*ба дарде, мусибате, гам аламе*); дарду ғусса; **ба сӯзу гудоз афтодан** ба изтироб афтодан, дар ғаму андӯҳ мондан.

**СӮЗАН** سوزن 1. олати фулодини борики нӯгтези думсӯрох, ки ресмон гузаронда либос *ва г.* медӯзанд: **сӯзани мошини дарздӯзӣ**. 2. милаи хеле борики дарунхолӣ барои дору гузарондан ба бадан, сузандору; **сӯзан задан** а) сӯзан халондан ба ҷое, бо сӯзан сӯрох – сӯрох кардан чизеро; бо сӯзан дору гузарондан ба бадан; **аз сӯрохи сӯзан гузарондан** *касе ё чизеро* а) хеле сахт тафтишу таҳқиқ кардан; б) сахт маломату коҳиш кардан; **ҷои сӯзан задан набудан** дар ҳолати одам хеле зиёд будан гуфта мешавад; **сӯзан партоед, ба замин намеғалтад** дар мавриди ҷамъшавии зиёди одамон дар як ҷой гӯянд; ◊ **саги сӯзанхӯрда** бекарор ноором, дар талвоса.

**СӮЗАНАК** I سوزنک як хел малах, думи борики сӯзанмонанд дорад.

**СӮЗАНАК** II سوزنک *гуфт.* сабӯси орди ҷав, ки нӯгтез мешавад.

**СӮЗАНАК** III سوزنک *гуфт.* сарсӯзан, ки барои ду лаби гиребонро(*ё ду сари чизеро*) ба ҳам наздик овардан (пайвастан) ё чизеро(*мас., тӯмор, тугма ва г.*) дар либоси тан овехтанки истифода мешавад.

**СӮЗАНАК** IV سوزنک *бот.* як хел алафи кӯҳӣ, ки ба бадан расад хориш ва сӯзиш меорад, юған.

**СӮЗАНБАНД** سوزنبند чизе, ки дар он сӯзан нигаҳдорӣ шавад.

**СӮЗАНБАРГ** سوزنبرگ *бот.* дарахтоне, ки баргҳои сӯзан барин борики тез доранд (*аз дарахтони маҳаллӣ бурс (арча) сӯзанбарг аст*).

**СӮЗАНВОР** سوزن وار чун сӯзан, сӯзан барин.

**СӮЗАНГАР** سوزن گر 1. устои сӯзансоз. 2. *маҷ.* устои корҳои диққатталаб; **як задани оҳангар, сад задани сӯзангар** (*мақ.*).

**СУЗАНГАРӢ** سوزن گری кору амали сӯзангар.

**СӮЗАНДА** سوزنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **сӯхтан**; сӯхта шаванда, қобил ва сӯхтан. 2. сӯзонда, ба сӯзиш оваранда.

**СӮЗАНДОН** سوزندان чилд ё қутичаи махсус барои нигоҳ доштани сӯзан.

**СӮЗАНДОРУ** سوزندارو 1. доруе, ки бо сӯзан ба бадан гузаронда мешавад. 2. сӯзане, ки ба воситаи он дору мегузаронанд.

**СӮЗАНДӮЗӢ** سوزن دوزی *ниг.* **гулдӯзӣ кардан**.

**СӮЗАНЗАДА**سوزن زده сӯзан халондашуда.

**СӮЗАНЗАНӢ** سوزنزنی 1. сӯзандармонӣ. 2. гузаронидани дору бо сӯзандору ба бадан.

**СӮЗАНИДӮЗ** سوزنیدوز он чи ва он ки гулдӯзӣ мекунад.

**СӮЗАНИДӮЗӢ** سوزنی دوزی шуғли сӯзанидӯз.

**СӮЗАНӢ** سوزنی матоъ ё порчаи гулдӯзишуда.

**СӮЗАНКАРДА** سوزنکرده бо сӯзан гулдузӣ шуда.

**СӮЗАНКОБ** سوزنکاب :**сӯзанкоб кардан** хеле бодиққат кофтани чизе.

**СӮЗАНКОРӢ** سوزن کاری гулдӯзӣ.

**СӮЗАНХӮРДА** سوزنخورده :**саги сӯзанхӯрда** саги беқарор ва дар талвосаи ҷонканӣ.

**СӮЗИШ** سوزش 1. сӯхтан, сӯхта истодан, ҳолати сӯхтани ягон чиз. 2. дард кардани ягон узви бадан, ки дардаш ба сӯхтани пӯсти бадан монанд бошад; сӯзондан. 3. сӯзу гудози дарунӣ, дарду алами сахт; изтироб; **сӯзиши ишқ**; **сӯзиш кардан** сӯзандавор дард кардан, сӯхтан.

**СӮЗИШВОРӢ** سوزش واری чизҳои сӯзанда, чизе, ки онро барои ҳосил кардани ҳарорат месӯзанд (*нафт, ангишт, ҳезум ва г.*)., маводи сӯхт.

**СӮЗИШНОК** سوزش ناک сӯзонанда: **дарди сӯзишнок**.

**СӮЗНОК** سوزناک сӯзишдор, сӯзонанда; пурдарду алам; пуртаъсир ва ба сӯзиш оваранда (*оҳ, нола*).

**СӮЗОК** سوزاک *тиб.* яке аз бемориҳои гузарандаи таносулӣ, гонорея.

**СӮЗОН** سوزان 1. сӯзанда, сӯхтаистода; **шамъи сӯзон**. 2. хеле тафсон, сӯзонанда, сахт гарм; **офтоби сӯзон, таби сӯзон**. 3. пурдарду алам, бо доғу ҳасрат: **оҳи сӯзон, синаи сӯзон, дили сӯзон**. 4. *маҷ.* самимӣ, пурҷӯшу хурӯш: **вохӯрдии гарму сӯзон, сӯҳбати гарму сӯзон**.

**СӮЗОН(И)ДАН** سوزاندن//سوزانیدن 1.оташ задан, дар оташ андохтан (*барои он ки сӯзад*), оташ дардодан, сӯхтан. 2. боиси сӯзиш шудан, ба сӯзиш овардан. 3. ба ғаму ҳасрат андохтан, боиси дарду алам (-и касе) гардидан. 4. боиси зиён ва хисорат шудан, боиси аз байн рафтани нафъи касе гардидан. 5. *маҷ.* нест кардан, нобуд кардан; **хонаи** *касеро* **сӯзондан** касеро хонавайрон кардан, боиси барбодию нобудшавии касе гардидан.

**СӮЗОСӮЗ** سوزاسوز сӯхтор, оташ гирифта сӯхтан.

**СӮИИДОРА** سوءاداره *ниг.* **суиидора**.

**СӮИИСТЕЪМОЛ** *а.* سؤاستعمال *ниг.* **суиистеъмол**.

**СӮИИСТИФОДА** سؤاستفاده *ниг.* **суиистифода**.

**СӮИҚАСД** *а.* سوءقصد *ниг.* **суиқасд**.

**СӮЙ** سوی *ниг.* **сӯ(й)**.

**СӮК** I سوک сихҳои хӯшаи гандуму ҷав, хасҳои сари хӯшаи гандуму ҷав; устухони хеле борики моҳӣ.

**СӮК** II سوک арзани муқашшар, ярмаи арзан.

**СӮҚУМ** *т.* سوقوم *гуфт., ниг.* **сукумӣ**.

**СӮҚУМӢ** سوقومی гов ё буққа барои кушта зиёфат додан парво кардан.

**СӮЛ** سول чорвои хокистарранги ба сиёҳӣ моиле, ки аз кокул то думаш хати сиёҳе дошта бошад.

**СӮЛАК** سولک *гуфт.* доғи зардча, ки дар кишти ғалладона меафтад (*аз офатҳои кишт*).

**СӮЛАМА** *т.* سولمه *гуфт.* ба балоғат расидан, бӯзбала.

**СӮЛУҚ** سلوق *ниг.* **сулуқ**.

**СӮМ** سوم номи тоҷикии рубл – воҳиди асосии пулӣ дар ИҶШС, ки баробар ба 100 тин буд.

**СӮМИА//САВМАА** *а.* صومعه *д.* ибодатгоҳи роҳибон, дайр.

**СӮНА** سونه *гуфт., ниг.* **хармагас**.

**СӮПЧАК** سوپچک рафчаҳои болоиҳам дар корхонаҳо.

**СӮР** سور ромношуда, ваҳшӣ.

**СӮРӢ** سوری 1. хавоза; кати калони болопӯш. 2. айвон.

**СӮРОҒ** *т.* سوراغ ҷустуҷӯ, кофтуков.

**СӮРОХ** سوراخ рахна, шикоф(ӣ), ковокӣ (*мас., дар дарахт*): **сӯрохи биниӣ ё гӯш; сӯрох кардан сӯрох – сӯрох** он чи сӯрохи зиёд дорад (*мас., галбер*).

**СӮРОХДОР** سوراخ دار он чи сӯрохӣ, шикофӣ ва рахна дорад.

**СӮРОХӢ** سوراخی *ниг.* **сӯрох**; шикофӣ, рахна.

**СӮРОХКУНӢ** سوراخ‌کنی сӯрох кардан, рахна задан, шикоф кардан.

**СӮСАН**سوسن *ниг.* **савсан**.

**СӮТА** I سوته *кӯҳ.* асои ғафси харротишуда, ки нӯги оҳанини тез дорад, асои дарвеш ва қаландарон.

**СӮТА** II سوته сараки донадор ё донааш рехтаи ҷуворӣ.

**СӮФ** *а.*صوف 1. пашм, мӯина. 2. навъи матои пашмин.

**СӮФИГАРӢ** صوفی‌گری *фалс.* ҷараёне дар ислом, ки пайравони он хоҳишҳои нафсонии худро пок нигоҳ медоштанд, олам ва табиатро маҳалли зуҳури худо дониста, либоси пашмина пӯшида ба зӯҳду тақво машғул мешуданд.

**СӮФИЁНА** صوفیانه мисли сӯфӣ, сӯфивор.

**СӮФИГӢ** صوفیگی 1. тасаввуф. 2. пайрави тасаввуф будан: **ба сӯфигӣ баровардан** зани солхӯрдаро барои минбаъд чун хидматгор нигоҳ доштан аз никоҳи шаръӣ баровардани одами бисёрзана.

**СӮФИТӮРҒАЙ** صوفی‌تورغی *зоол.* парандаест аз ҷинси гунҷишкҳо, ки ҳашаротро шикор мекунад ва ба зироат фоиданок аст.

**СӮФӢ** I صوفی 1. пайрави тариқати тасаввуф; *ниг.* **суфигарӣ**. 2. ходими масҷид, азонгӯи масҷид, муаззин. 3. зане, ки аз никоҳ бароварда шуда, ба сифати хидматгор нигоҳ дошта мешавад.

**СӮФӢ** II صوفی ходими масҷид, ки тозагӣ ва тартиби онро назорат кунад.

**СӮФӢ** III صوفی *кит.* зани талоқшудае, ки дар хонаи собиқ шавҳараш зиндагӣ мекунад.

**СӮФОР** سوفار 1. чоки буни тир, ки ба зеҳи камон гузошта мешавад. 2. сӯрох, сӯрохи сӯзан.

**СӮХТ** سوخت 1. сӯзишворӣ, маводи сӯхт. 2. сӯхтан.

**СӮХТА** سوخته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **сӯхтан**. 2. аз оташ сӯхтаи бадан: **болои сӯхта намакоб** (*зарб.*). 3. пахтаи нимсӯз, ки ба ҷароҳатҳои тоза барои нигоҳ доштани хун мебастанд. 4. чағбат ё пахтаи дар оташ нимсӯз карда, ки чақмоқ зада вайро дармегиронанд; ◊ **димоғи сӯхта** дилгир, хафа ва норозӣ аз чизе.

**СӮХТАГӢ** سوختگی ҳар чизи сӯхташуд; **сӯхтагиҳои чӯб** боқимондаи чӯб баъди сӯхтан, нимсӯхтаҳо.

**СӮХТАДИЛ** سوخته‌دل мусибатзада, ғамзада; музтариб, беқарор**.**

**СӮХТАМАҒЗ** سوخته‌مغز пучмағз, беақл, нодон.

**СӮХТАН** سوختن 1. оташ гирифтан, даргирифтан. 2. оташ задан, сӯзондан, даргирондан. 3. аз расиши оташ, оби ҷӯш ё дигар моддаи сӯзонанда осеб дидани ягон узв; сӯзиш кардан. 4. даргирифта равшанӣ додан (*мас., чарог, шамъ*). 5. *маҷ.* талаф шудани мол, пул ва меҳнати касе; нобуд шудан, аз байн рафтан, барбод рафтан. 6. аз беобӣ хушк ва нобуд шудан (*кишт*). 7. афсӯс хӯрдан, ҳайфу дареғи касе ба чизе; ғусса кашидан, аз дарду алам дилафгор шудан. 8. рашк бурдан, ҳасад кардан; **сӯхтану сохтан** ба дарду мусибат ва ба ҳасрату ғам тоб овардан; **дил сӯхтан** (ба касе ё чизе) афсӯс хӯрдан, раҳм омадан, тараҳҳум кардан; димоғ сӯхтан ( аз чизе) дилгир шудан, хафа шудан; **дар офтоб сӯхтан** гандумгун шудани пӯсти бадани одам аз зиёд истодан дар зери офтоб **хонаат сӯзад!** хонавайрон шав!.

**СӮХТАНБОБ** سوختن‌باب мувофиқ барои сӯхтан; сӯхтанӣ, муносиби сӯхтан.

**СӮХТАНӢ** I سوختنی он чи барои сӯхту сӯз ба кор меравад, сӯзишворӣ (*ҳезум, ангишт, керосин ва г.*), маводи сӯхт.

**СӮХТАНӢ** II سوختنی *тиб.* бемориест, ки ба тарзи обила дар бадани одам пайдо мешавад, агар саривақт бо оҳани тафсон доғ карда, ё чораи тиббии дигар андеша нашавад, одамро ҳалок мекунад, *муҷ.* **доғӣ**.

**СӮХТАХИРМАН** سوخته‌خرمن он кӣ ба фалокат ё бадбахтӣ дучор омадааст.

**СӮХТАҶИГАР**سوخته جگر *ниг.* **сӯхтадил**.

**СӮХТОР** سوختار оташ афтода сӯхтанӣ ҷое, ҳариқ.

**СӮХТОРНИШОН** سوختارنشین 1. дастгоҳи оташнишонӣ. 2. он ки ва ё он чи сӯхторро хомӯш мекунад: **дастаи сухторнишон, мошини сӯхторнишон**.

**СӮХТОРНИШОНӢ** سوختارنشانی хомӯш кардани оташ, оташнишонӣ.

**СӮХТУСӮЗ** سوخت و سوز мавод барои сӯхтан.

**СӮҲБАТ** صحبت 1. мусоҳиба, гуфтугӯ, гуфтугузор. 2. нишаст, давра; **сӯҳбат кардан** гап задан, гуфтугӯ кардан.

**СӮҲБАТБАРОР** صحبت برار ҳамсӯҳбат.

**СӮҲБАТОРО** صحبت‌آرا хушсӯҳбат, хушгап, маҳфилоро.

**СӮҲБАТОРОӢ** صحبت‌آرائی оро додани сӯҳбат, хушсӯҳбатӣ, маҳфилороӣ.

**СӮҲОН** سوهان олати фӯлодии майдарах барои суда сайқал додани маснуоти оҳанӣ ва тез кардани асбоб (*корд, арра ва г.*); **сӯҳони умр** *киноя аз* касе ва ё чизе, ки тадриҷан умри касро фано мекунад.

**СӮҲОНСАНГ** سوهان‌سنگ санге, ки ба он асбоб тез мекунанд.

**СӮҲОНЧА** سوهانچه сӯҳони хурд.

**СӮЪБОН** *а.* ثعبان мори калони афсонавӣ, аждаҳо.

**СӮЪБОНӢ** ثعبنی аждаҳомонанд.

**СӮЪЛУК** *а.* صعلوک *кит.* 1. фақир, нодор. 2 оворагард, роҳзан.

**СӮЪР** *а.* سعر :**сӯъри соир** оташи фурӯзон.

**СӮЯ** سویه *бот.* сохторҳои одатан якҳуҷайрагӣ барои бе таносул афзудан, ки баъзан ба сохтори мукаммал табдил меёбанд, спора.

**СӮЯН** سوین *ниг.* **сӯҳон**.

**СӮЯНСОВ** سوین‌ساو оҳансов, резаҳои филизӣ, ки ҳангоми сӯҳон кардан мерезад.

**СӮЯСАНГ** سویه‌سنگ *ниг.* **сӯҳонсанг**.

**СЮРТУК** *фр.* سیورتک камзӯли домандарози дубара (*ба монанди он ки дириҷёрҳо мепӯшанд*).

# Т

**Т** *ҳарфи бисту сеюми алифбои ҳозираи тоҷикӣ; дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ ҳарфи те (ت); дар ҳисоби абҷад ба адади 400 баробар аст.*

**ТА** ته *шакли гуфтугӯии* **то**; дона, адад: **якта, чорта, 5-та.**

**ТААБ** *а.* تعب ранҷ, сахтӣ, мондагӣ; **тааб кашидан** ранҷ кашидан.

**ТААББУД** *а.* تعبّد 1. бандагӣ; ибодат, парастиш, ибодат кардан: **тааббуди ӯ аз рӯи халосу ихлос набуд**. 2. итоати мутлақи бечуну чаро.

**ТААВВУД** *а.* تعوّد *кит.* одат кардан, хӯ гирифтан, худро ба коре одат кунонидан.

**ТААДДӢ** *а.* تعدّی зулм, ҷабру ситам; таҷовуз, зӯроварӣ, дастандозӣ, таҷовуз кардан ба ҳуқуқи дигарон.

**ТААДДУД** *а.* تعدّد афзунӣ дар адад, бисёрӣ, шумораи зиёд; **тааддуди завҷот** бисёр зан доштан, якчанд зан доштан.

**ТААЗЗУР** *а.* تعذّر *кит.* 1. сахтӣ, душворӣ; номумкинӣ, маҳолу душвор будани чизе. 2. узр овардан.

**ТААЛЛУҚ** *а.* تعلّق 1. алоқамандӣ, вобастагӣ; дилбастагӣ; **таъаллуқ доштан** нисбат доштан, дахлдор будан, аз они касе будан. 2. ҷузви амволи касе будан. 3. вобаста будан ба умури моддӣ ва дунёие, ки ба чизе монеъ аст.

**ТААЛЛУҚДОР** تعلّقدار ба касе тааллуқ доштан, алоқадор, дахлнок, мансуб,

**ТААЛЛУҚДОРӢ** تعلّقداری таааллуқ доштан, мансубият.

**ТААЛЛУЛ** *а.* تعلّل баҳоначӯӣ, бо баҳонае ба қафо андохтани коре.

**ТААЛЛУМ** I *а.* تألم ғаму дард, азоб, ҷафо.

**ТААЛЛУМ** II *а.* تعلّم омӯхтан, ёд гирифтан, илмомӯзӣ, омӯзиш, таҳсили илм, ёд гирифтан.

**ТААММУҚ** *а.* تعمّق чуқур фикр кардан, ба ҳақиқати чизе расидан, бо диққат андеша кардан.

**ТААММУЛ** I *а.* تأمل фикр, мулоҳиза; андешидан дар бораи чизе; **тааммул кардан** ба фикр фурӯ рафтан, андеша кардан, даранг кардан, ранҷ кашидан, сахтӣ кашидан дар коре, дурандешӣ.

**ТААММУЛ** II *а.* تعمّل саъю кӯшиш, ғайрат; бо душворӣ ба коре пардохтан ва сахтӣ кашидан.

**ТААННӢ** *а.* تأنّی 1. ба оҳистагӣ, бе шитоб; сустӣ, таъхир. 2. ранҷ кашидан.

**ТААРРУЗ** *а.* تعرّض таҷовуз, дастдарозӣ, ҳуҷум; **тааррuз кардан (намудан)** таҷовуз кардан, ба молу мулки касе даст дароз намудан. 2. ҳамла кардан. 3. эътироз ва пархош кардан.

**ТААРРУЗНОПАЗИР** تعرّضناپذیر он чи ба он дастдарозӣ мумкин набошад.

**ТААССУБ** *а.* تعصّب 1. тарафдорӣ ё душмании бисёр нисбат ба шахсе. 2. ҳимоят ва ҷонибдорӣ, орият (аз чизе). 3. тарафдорӣ аз

ақоиди динӣ ва маросими кӯҳнаи миллӣ; фанатизм, киначӯӣ; **таассуб кардан** орият кардан, аз рӯи орият касе ё чизеро ҳимоя кардан.

**ТААССУР** I *а.* تأثّر 1. таъсирпазирӣ, дар зери таъсири чизе мондан. 2. андӯҳ, андӯҳгинӣ.

**ТААССУР** II *а.* تعسّر душворӣ, сахтӣ, мушкилӣ.

**ТААССУРАНГЕЗ** تأثّرانگیز ғамангез.

**ТААССУРОВАР** تأثّرآور андӯҳовар.

**ТААССУРОТ** *а.* تأثّرات таъсир, асароте, ки аз ягон ҳодиса ё саргузашт дар рӯҳияи кас боқӣ мемонад; **таассурот бахшидан** таъсир кардан, дар рӯҳияи касе таъсир гузоштан; **таассурот гузоштан** дар тахти таъсир ё ҳолате ё воқеае будан, мутаассир шудан аз коре.

**ТААССУФ** I *а.* تأسّف афсӯс, дареғ, афсӯс хӯрдан, аз рӯи тараҳҳум нигаристан, надомат.

**ТААССУФ** II *а.* تعسّف 1. баромадан, бероҳа шудан. 2. ситам кардан, гумроҳ шудан.

**ТААССУФАНГЕЗ** تأسّفانگیز он чи боиси таассуф мегардад, афсӯсовар.

**ТААССУФБОР** تأسّفبار дар ҳолати ғамгинӣ қарор доштан.

**ТААССУФКУНОН** تأسّفکنان бо таассуф, дар ҳолати афсӯсу надомат.

**ТААССУФОВАР** تأسّفآور боиси афсӯс; боиси андӯҳу ҳасрат, андӯҳовар.

**ТААССУФОМЕЗ** تأسفآمیز бо афсӯс, ҳолате, ки афсӯс ва надоматро ифода мекунад.

**ТААФДОН** تعفدان чуқурӣ, (чоҳ) барои рехтани хокрӯба ва ахлот.

**ТААФФУН** *а.* تعفّن бадбӯй шудан, гандидан, бадбӯӣ, гандидагӣ, вайрон шудан.

**ТААФФУНӢ** تعفّنی ганда шудан, гандидан, бадбӯӣ.

**ТААҲҲУД** *а.* تعهّد бар ӯҳда доштан, масъулият доштан.

**ТААҲҲУДНОМА** تعهّدنامه навиштае, ки ба воситаи он шахсе кореро ба ӯҳда мегирад ва ӯро анҷом медиҳад.

**ТААҲҲУЛ** *а.* تأهّل *кит.* хонадор шудан, зангирӣ; **тааҳҳул кардан** зан гирифтан.

**ТААҶҶУБ** *а.* تعجّب ҳайронӣ, шигифт, таассурот аз ягон воқеаи аҷиб ва ғайриинтизорӣ; **бо тааҷҷуб** дар ҳолати шигифтӣ ва таҳайюр; **тааҷҷуб кардан**; ҳайрон шудан, шигифтӣ изҳор кардан; **дар тааҷҷуб афтодан** ҳайрон шудан.

**ТААҶҶУБАНГЕЗ** تعجّبانگیز шигифтовар, ҳайратангез, он чи боиси тааҷҷуб мешавад, тааҷҷубовар.

**ТААҶҶУБКОРОНА** تعجّبکارانه бо ҳайрат, дар ҳолати тааҷҷуб.

**ТААҶҶУБОВАР** تعجّبآور он чи боиси ҳайрат мешавад, ҳайратангез.

**ТААҶҶУБОМЕЗ** تعجّبآمیز бо ҳайрат; тааҷҷубнок.

**ТАБ** تب *тиб.* ҳолати беморе, ки ҳарорати баданаш баланд мешавад; **табу тоб** сӯзу гудоз, сӯзу азоб; **шабро дар табу тоб гузаронидан** шабро бо азоб рӯз кардан; **таб баровардан** зиёд шудани ҳарорати бадан аз ҳадди одияш; **таб гирифтан** оғози афзоиши навбатии ҳарорати бадани беморони варақадор; **таб кардан** зиёд шудани ҳарорати бадан; **таб омадан** сар шудани варақа (*таби навбатӣ*); **таб паст шудан** кам шуда, ба ҳолати одӣ расидани ҳарорати бадан; **ба таб сӯхтан** сахт таб кардан, бисёр баланд шудани дараҷаи ҳарорати бадан; **дар табу тоб афкандан** *маҷ.* дар печу тоб андохтан, беқарор кардан.

**ТАБАА** *а.* تبعه 1. *ҷ.* **тобеъ**. 2. он ки шаҳрванди давлате мебошад, фуқаро, раият, шаҳрванд, тобеон.

**ТАБААГӢ** تبعگی тобеият, фуқароӣ, шаҳрвандӣ.

**ТАБАДДУЛ** *а.* تبدّل табдилёбӣ, табдил шудагӣ; дигаргунӣ, тағйирёбӣ.

**ТАБАДДУЛОТ** *а.* تبدّلات 1. тағйирот, дигаргунӣ. 2. дигаргунии қатъӣ ва якбора дар инкишофи чизе; **табаддулоти сиёсӣ** тағйирот дар корҳои давлатӣ, тағйироти сиёсӣ; **табаддулоти таърихӣ** дигаргунӣ дар ҳайати ҷамъият, ки аҳамияти таърихӣ дорад.

**ТАБАИЯТ** *а.* تبعیت *кит.* 1. тобеӣ, пайравӣ. 2. шаҳрвандӣ, шаҳрванди ягон давлат будан, **табаият доштан** тобеият доштан, итоат кардан.

**ТАБАҚ** *а.* طبق 1. зарфи паҳн барои кашидани хӯрокҳои ғализ; **табақи лангарӣ** табақи калон; **табақи чӯбин** табақи аз чӯб тарошидашуда; **дегу (косаву табақ)** зарфҳои хӯрокпазӣ ва хӯроккӯрӣ. 2. ҳар як аз ду нимаи кушода ва басташавандаи дар, тиреза *ва г.*

**ТАБАҚА** *а.* طبقه 1. қабат. 2. гурӯҳи мардум, гурӯҳи маълуми ҷамъият. 3. *ниг.* **табақ**; **табақа ба табақа** қабат ба қабат.

**ТАБАҚАБАНДӢ** طبقه‌بندی табақа ба табақа ҷудо намудан, гурӯҳбандӣ.

**ТАБАҚАВӢ** طبقوی *мансуб ба* **табақа**; қабат ба қабат.

**ТАБАҚБАР** طبقبر *гуфт.* он ки дар маъракаву чорабиниҳо табақ бурда меорад.

**ТАБАҚБАРӢ** طبقبری *гуфт.* бурда овардани табақ дар маъракаву чорабиниҳо.

**ТАБАҚКАШОНӢ** طبقکشانی овардан ва бурдани табақҳои таоми кашида ва холӣ.

**ТАБАҚМОНАК** طبقمانک ҷои махсус барои гузоштани табақҳо.

**ТАБАҚТАРОШ** طبقتراش шахсе, ки ба сохтани табақ шуғл дорад, табақсоз, касби табақсоз.

**ТАБАҚТАРОШӢ** طبقتراشی амали тарошидани табақ аз чӯб.

**ТАБАҚЧА** طبقچه зарфи чӯбӣ, чинӣ ва филизӣ барои кашидани таом.

**ТАБАЛЛУР** تبلّر *кит.* 1. булӯрӣ шудани ҷисм, ба шакли кристалл даромадани ҷисм. 2. *маҷ.* зоҳир шудани бахши муҳиму аслӣ ё хулосаи чизе.

**ТАБАНГ** تبنگ *кит.* табақи чӯбин, карсон.

**ТАБАНГА** تبنگه *ниг.* **табанг**.

**ТАБАНГУ** تبنگو сабад; сандуқ; сандуқчаи пул.

**ТАБАР** تبر олати оҳании дастадори дамаш тез барои шикастан, буридан ва кафонидани дарахт ва ҳезум; **табар ба кунда расидан** *маҷ.* таъсир бахшидан, сахт асар кардан; **ба решаи** касе (чизе) **табар задан** *маҷ.* маҳву нобуд кардан; **худро ба теғу табар задан** *маҷ.* ба ҳар азобу машаққат тоб овардан, аз ҳеҷ сахтӣ рӯ нагардондан.

**ТАБАРДАСТА** تبردسته қисми чӯбини табар, ки онро ба даст гирифта кор мекунанд.

**ТАБАРЗА** تبرزه *кит.,* 1. *ниг.* **табарзад**. 2. навъе аз ангури ҳусайнӣ.

**ТАБАРЗАД** تبرزد//طبرزد наботи сафеду шаффофи хеле сахт, ки аз ғояти сахтӣ бо табар шикастан лозим меомадааст.

**ТАБАРЗИН** تبرزين олати ҷангии қадимаи табармонанд, яроқ, яроқи табаршакле, ки онро сипоҳиён дар пеши зини асп овезон мекарданд ва қаландарон ба даст гирифта мегаштанд.

**ТАБАРРО//ТАБАРРӢ** *а.* تبرّا//تبرّی безорӣ, дурӣ ҷустан.

**ТАБАРРУК** *а.* تبرّک 1. муборак, баракатовар, баракатдор; **рӯзи табаррук** рӯзи муборак, рӯзи ба хайрият, муборакӣ. 2. ҳадя, тӯҳфа.

**ТАБАРРУКӢ** تبرّکی муборак.

**ТАБАРРӮЪ** *а.* تبرّع бахшидани чизе ва холисона некӯӣ кардан.

**ТАБАРТАҚСИМ** تبرتقسيم *маҷ.* тақсими ноодилона.

**ТАБАССУМ** *а.* تبسّم нимханда, лабханд; хандидани оҳиста; **табассуми заҳрнок** заҳрханд; **табассуми писхандомез** лабханди кинояомез; **табассуми сохта** лабханди ғайрирасмӣ; **табассум кардан** лабханд задан, номаълумона нимхандае кардан; **ба рӯи** *касе* **табассум давидан** дар чеҳраи касе осори табассум зоҳир шудан; **дар табассум будан** табассум кардан, лабханд задан; **табассум кардан** лабханд задан, беовоз ханда кардан; **табассуми барқ**.

**ТАБАССУМОМЕЗ** تبسّم‌آميز бо лутф, бо табассум; **нигоҳи табассумомез** нигоҳи болутф.

**ТАБАҲ** تبه *ниг.* **табоҳ**.

**ТАБАҲКОР** تبه‌کار *ниг.* **табоҳкор**.

**ТАБАҲРӮЗГОР** تبه‌روزگار рӯзгори табоҳ доштани касе.

**ТАББАТ** *а.* تبّت *сигаи амр дар забони арабӣ* бурида бод!, ҳалок шавад!

**ТАБГАРДОН** تب‌گردان доруе, ки табро мегардонад, табшикан.

**ТАБГИРИФТА** تب‌گرفته мубталои таб, вараҷадор.

**ТАБДИЛ** *а.* تبديل 1. бадал кардани чизе ба чизе. 2. дигар (дигаргун) кардан, тағйир; **табдил**

**кардан** дигар кардан, иваз кардан.

**ТАБДИЛДИҲАНДА** تبدیل‌دهنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **табдил додан**. 2. ивазкунанда, тағйирдиҳанда.

**ТАБДИЛДИҲӢ** تبدیل‌دهی *ниг.* ба **табдил**.

**ТАБДИЛЁБАНДА** تبدیل‌یابنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **табдил ёфтан**; он чизе, ки ҳар вақт тағйир меёбад.

**ТАБДИЛЁБӢ** تبدیل‌یابی *исми амал аз* **табдил ёфтан**; мубаддал шудан, дигар шудан.

**ТАБДИЛӢ** تبدیلی табдил додан, иваз кардан; **кишти табдилӣ** ба навбат (иваз карда) киштани замин.

**ТАБДИЛНАШАВАНДА** تبدیل‌نشونده *сифати феълии замони ҳозира аз* **табдил нашудан**; ивазнашаванда, тағйирнаёбанда.

**ТАБДИЛШАВАНДА** تبدیل‌شونده *сифати феълии замони ҳозира аз* **табдил шудан**; ивазшаванда, дигаргуншаванда.

**ТАБДОР** تب‌دار он ки ҳарорати баданаш баланд аст.

**ТАБИАТ** I *а.* طبیعت мавҷудоти зинда ва ғайризиндаи олам.

**ТАБИАТ** II *а.* طبیعت сиришт, ниҳод, тинат; хулқ, хислат, одат, хӯ; **табиати**… *касе* **гирифт кардан** димоғсӯхта шудани касе, хафа шудани касе; **табиати шӯх** *маҷ.* зиндадилӣ, кушодарӯӣ.

**ТАБИАТАН** *а.* طبیعتاً ба иқтизои сиришт (ниҳод), дар асл.

**ТАБИАТДӮСТ** طبیعت‌دوست он ки табиатро (манзараи табиии муҳитро) дӯст медорад.

**ТАБИАТДӮСТӢ** طبیعت‌دوستی дӯст доштани табиат.

**ТАБИАТШИНОС** طبیعت‌شناس 1. донишманди илмҳои табиӣ, донандаи табиат. 2. *киноя аз* табиби боҳунар, табиби моҳир.

**ТАБИАТШИНОСӢ** طبیعت‌شناسی илмҳо оид ба омӯхтани табиат.

**ТАБИБ** *а.* طبیب донандаи илми тиб; он ки беморонро муолиҷа мекунад, муолиҷакунанда, ҳаким, пизишк.

**ТАБИБӢ** طبیبی муолиҷа кардани беморон, шуғли табиб, табобат; **табибӣ кардан** табобат, муолиҷа кардани беморон.

**ТАБИИЁТ** *а.* طبیعیات илми табиатшиносӣ, илме, ки ҳодисаҳои табииро меомӯзад, илме, ки аз олами зинда, аз он чи ки дар ҷунбишу гардиш аст, баҳс мекунад.

**ТАБИӢ** طبیعی 1. *мансуб ба* **табиат**, *марбут ба* табиати зинда; дар ҳолате, ки дар табиат вомехӯрад; ғайрисунъӣ. 2. зотӣ, фитрӣ; **сарватҳои табиӣ** сарватҳои моддие, ки дар табиат мавҷуданд; сарватҳои зеризаминӣ; **офати табиӣ** офате, ки бо қувваи табиат рӯ медиҳад (*сел, обхез ва г.*); **ҳикмати табиӣ** дар фалсафаи қадима илми омӯхтани ҳақиқати ашё; **табиӣ будан** сохта (сунъӣ) набудан, ҳақиқӣ ва ё аслӣ будан.

**ТАБИР** تبیر *ниг.* **табира**.

**ТАБИРА** تبیره *кит.* табл, нақора, дуҳул.

**ТАБИРАЗАН** تبیره‌زن *кит.* таблнавоз, нақоразан, дуҳулзан.

**ТАБИХ** *а.* طبیخ 1. табх кардашуда, пухташуда; ҳар таоме ки ба воситаи бирён кардан ва ҷӯшонидан тайёр шудааст. 2. *тиб.* доруи дар об ҷӯшонидашуда, *мас.*, **табихи афсантин** (явшон), **табихи чой** *ва г.*

**ТАБИШ** تبش *кит.* 1. тобиш, фурӯғ, партав. 2. гармӣ.

**ТАБЙИН** *а.* تبیین баён кардан, ошкор сохтани чизе.

**ТАБЛ** *а.* طبل нақора, дуҳул; **табли раҳил** нақорае, ки барои огоҳонидани аҳли корвон аз фаро расидани вақти сафар навохта мешавад; **табли реза (қаторак)** табли махсусе, ки дар Бухорои амирӣ миршаб ва саршабгардҳо шабона, вақти даврзанӣ менавохтанд; **табли кӯч задан** задани нақорае, ки ба сафар баромадани корвонро хабар медод; **табл кӯфтан** нақора ба оҳанге, ки сар шудани ҷангро хабар медодааст; **табли аттор** қуттии атр дар дӯкони атрфурӯшон; **табли батн** *киноя аз* шиками калон; **табли лоҷвард** *киноя аз* осмон; ◊ **табли ноқа** дам кардани шикам, ки дар натиҷаи касалии обхӯра пайдо мешавад; **табли тиҳӣ** лофи бемаънӣ, ҳавобаландии беасос; **таблаш дарида шуд** сирраш фош шуд, расво гашт; **табл пинҳон задан; табл(дар) зери гилем задан** ко-

ри маълум ва ошкорро пинҳон доштан.

**ТАБЛАК** طبلک *мус.* табли хурд, нақорача; нақорачаи сафолии думдароз, ки ба зери бағал гирифта менавозанд, думбак.

**ТАБЛАКЗАН** طبلکزن касе, ки таблак мезанад, таблакнавоз, нақоранавоз.

**ТАБЛАКЗАНӢ** طبلکزنی таблакнавозӣ, таблак задан.

**ТАБЛАРЗА** تب لرزه аз шиддати сардӣ ба ларза даромадани бадан пеш аз оғози таб, варача; **табларза гирифтан** саршавии варача, ларзиш.

**ТАБЛАРЗАДОРӢ** تبلرزه‌داری *мач.* беқарорӣ, бероромӣ.

**ТАБЛЗАН** طبلزن нақоранавоз, таблнавоз.

**ТАБЛЗАНӢ** طبلزنی табл задани касе.

**ТАБЛИҒ** *а.* تبلیغ ба маълумоти касе расонидани ақидае, дар зеҳни умумӣ ҷойгир кардани фикре; **таблиғ кардан** даъват кардан бо роҳи фаҳмонидани ғоя ва ақидае, тарвиҷ, ташвиқ.

**ТАБЛИҒКУНАНДА** تبلیغ کننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **таблиғ кардан;** он ки таблиғ ва ташвиқ мекунад, тарвиҷкунанда, ташвиқгар.

**ТАБЛИҒОТ** *а.* تبلیغات *ҷ.* **таблиғ**; фаҳмондани ғоя ва мақсаде; **таблиғот бурдан** машғул шудан ба таблиғи (фаҳмондани) ғояе, ташвиқот.

**ТАБЛИҒОТӢ** تبلیغاتی *мансуб ба* **таблиғот**: **фаъолияти таблиғотӣ**.

**ТАБЛИҒОТЧӢ** تبلیغاتچی *гуфт., ниг.* **таблиғкунанда**.

**ТАБЛКӮБ** طبل‌کوب 1. чӯби нақоразанӣ. 2. нақоранавоз.

**ТАБЛО** *фр.* تبلا лавҳаи махсус барои овехтани эълоннома ва огоҳиномаҳо; тасвире, ки наққошӣ шудааст, тахтаи сиёҳ.

**ТАБЛХОР** طبل‌خوار *кит.* 1. пурхӯр, шикампараст. 2. *мач.* муфтхӯр.

**ТАБНОК** تبناک ҳароратдор, мубтало ба таб.

**ТАБОБАТ** *а.* طبابت амали табиб, муолиҷа, даво кардани беморҳо; **табобат кардан (намудан)** муолиҷа кардан.

**ТАБОБАТӢ** طبابتی давоӣ, доруӣ, василаи табобаткунанда.

**ТАБОБАТКУНАНДА** طبابت‌کننده он ки муолиҷа мекунад, табиб, муолиҷакунанда.

**ТАБОБАТХОНА** طبابتخانه ҷое, ки беморон муолиҷа карда мешаванд, муолиҷахона.

**ТАБОДУЛ** *а.* تبادل мубодила кардани чизе, (бо касе ё бо чизе); **табодул кардан** иваз кардан; **табодули афкор** матраҳ шудани афкор байни ду ё чанд нафар; **табодули назар** бозҷӯӣ кардани назарҳои гуногун бо якдигар ва ё машварат дар бораи мавзӯе.

**ТАБОР** تبار хешовандон, хешон, наздикон, аҳли як хонадон; **хешу табор** хешон ва наздикон.

**ТАБОҲ** تباه хароб, фосид, вайроншуда; **ҳоли табоҳ** ҳоли хароб; фақирию нодорӣ; **табоҳ шудан** нобуд шудан.

**ТАБОҲӢ** تباهی харобӣ, нобудӣ; нодорию фақирӣ; **табоҳӣ кардан** вайронкорӣ кардан.

**ТАБОҲКОР** تباه‌کار вайронкор, бадкор.

**ТАБОҲРӮЗГОР** تباه‌روزگار тираруз; он ки рӯзгораш ба сахтӣ мегузарад

**ТАБОШИР** I طباشیر//تباشیر *маъд.* моддаи сафеди кӯҳӣ, бӯр; **табошири фарангӣ** магнезия; моддаи сафеди ба кабудӣ монанд, ки аз мағзи як навъ найи ҳиндӣ – хайзарон мегиранд ва хосияти давоӣ дорад.

**ТАБОШИР** II تباشیر *мач.* сапедадам; **табошири субҳ** сафедии аввали саҳарӣ; субҳи барвақт.

**ТАБРИК** *а.* تبریک муборакбодӣ, таҳният; **табрик гуфтан (кардан)** муборакбод гуфтан, шодбош.

**ТАБРИКӢ** تبریکی *мансуб ба* **табрик**: **номаи табрикӣ**, **сухани табрикӣ**; **сухани табрикӣ гуфтан** табрик кардан.

**ТАБРИКНОМА** تبریکنامه номаи табрикие, ки ба касе менависанд.

**ТАБРИКОТ** *а.* تبریکات *ҷ.* **табрик**.

**ТАБРИКОТӢ** تبریکاتی *мансуб ба* **табрикот**; табрикиҳо.

**ТАБСИРА** *а.* تبصره ҳар навъ матлаби изофӣ ё тавзеҳӣ, ки бар моводи қонунҳо ва монанди онҳо барои равшан шудани мавзӯъ меафзо-

янд.

**ТАБХ** *а.* طبخ пухту паз, пухтан, пазиш.

**ТАБХИР** *а.* تبخیر бухор кардан; буғ додан, сӯзонида дуд кардан.

**ТАБХОЛ** تبخال *ниг.* **табхола**.

**ТАБХОЛА** تبخاله гармичаҳои атрофии лаб, ки аз шиддати таб ё ки тарс пайдо мешаванд.

**ТАБШИКАН** تبشکن доруе, ки табро паст мекунад, табгардон.

**ТАБШИР** *а.* تبشیر башорат додан, мужда овардан; башорат, мужда.

**ТАБЪ** I *а.* طبع 1. сиришт, феъл, табиат. 2. истеъдод дар чизе (*бештар дар шеъргӯӣ*); **табъи оташбор** қувваи шеъргӯйии баланди пуртаъсир; **табъи хуш доштан** истеъдоди шеъргӯйии хубу дилкаш доштан. 3. завқ, майл, рағбат; **табъи дил** мувофиқ ба завқи дил, дилхоҳ; **мувофиқи табъ** мувофиқи майлу хоҳиш; **табъ кашидан (хӯрокро)** рағбат кардан ба хӯрдани таоме; гуворо омадани таоме. 4. кайфият, ҳолат; димоғ; **табъи хира** кайфияти нохуш, димоғсӯхтагӣ; **табъи чоқ** кайфияти хурсандона; **табъи** *касе* **болидан** хуш шудани табъ, чоқ шудани димоғ; **табъ кушода шудан** рӯй додани кайфияти хуш, рафъ шудани ҳолати ногувор; **табъи** *касе* **ланҷ шудан** рӯй додани ягон беморӣ ё ягон димоғсӯхтагӣ.

**ТАБЪ** II *а.* طبع чоп кардан, нашр, чоп; мӯҳр кардан, нақш кардан.

**ТАБЪАН** *а.* طبعاً табиатан, аз ҷиҳати ниҳод ва тинат, зотан.

**ТАБЪИД** *а.* تبعید *кит.* дур кардан, рондан аз ҷое, бадарға

**ТАБЪИДГОҲ** تبعیدگاه ҷое, ки касе ба он бадарға карда шудааст, ҷои иқомати табъидшудагон.

**ТАБЪИЗ** *а.* تبعیض ҷудо кардани гурӯҳе аз гурӯҳи дигар, ба гурӯҳе имтиёз дода, гурӯҳи дигарро паст шуморидан; **табъизи нажодӣ** нажодҳоро бартар ё бадтар ҳисоб кардан, нобаробарии ҳуқуқи нажодҳо.

**ТАБЪНОЗУК** طبعنازک касе, ки завқи (табиати) нозук дорад; нозуктабиат.

**ТАБЪОЗМОӢ** طبعآزمایی озмоиши истеъдоди шоирӣ, имтиҳони қобилияти шеъргӯӣ.

**ТАБЪЧОҚ** طبعچاق *гуфт.* он ки димоғи чоқ дорад.

**ТАБЪЧОҚӢ** طبعچاقی *гуфт.* димоғи чоқ доштан, шод будан, хурсандӣ, шодмонӣ.

**ТАВАККАЛ//ТАВАККУЛ** *а.* توکّل умед бастан, эътимод кардан бе боварии комил; **таваккал кардан** ба комёбии худ боварии комил надошта ба кор сар кардан.

**ТАВАККАЛАН** *а.* توکّلاً таваккал карда, ба муваффақияти тасодуфӣ умед баста.

**ТАВАККАЛӢ** توکلی *мансуб ба* **таваккал**; **кори таваккалӣ** кори ба рафти худ вогузор кардашуда, кори шудан ё ношуданаш номаълум.

**ТАВАККУЛ** *а.* توکّل *ниг.* **таваккал**.

**ТАВАҚ** توق *гуфт., ниг.* **табақ**.

**ТАВАҚҚУД** *а.* توقّد оташ афрӯхтан ва афрӯхташудаи он.

**ТАВАҚҚУФ** *а.* توقّف ист, истодан; маътал шудан, таъхир, даранг; **таваққуф кардан** истодан, ист кардан.

**ТАВАҚҚУФГОҲ** توقّفگاه ҷои истодан.

**ТАВАҚҚӮЪ** *а.* توقّع *кит.* 1. чашмдошт, умед. 2. хоҳиш, илтимос.

**ТАВАЛЛО** *а.* تولی//تولا илтимос, илтиҷо, зорӣ; **тавалло кардан** ба тавалло даромадан, орию илтиҷо кардан.

**ТАВАЛЛООМЕЗ** تولیآمیز бо зорию илтиҷо, илтимосу хоҳишкунон.

**ТАВАЛЛУД** *а.* تولّد зоиш, зоида шудан; **таваллуд ёфтан (шудан)** зоида шудан, вилодат.

**ТАВАЛЛУДГОҲ** تولّدگاه маҳалли таваллуд, зодгоҳ.

**ТАВАЛЛУДХОНА** تولّدخانه зоишгоҳ.

**ТАВАРРУМ** *а.* تورّم 1. варам кардан. 2. беқурб шудан (-и пул).

**ТАВАССУЛ** I توسل *кит.* восита шудан, ба чизе наздик шудан.

**ТАВАССУЛ** II *а.* توصّل васл шудан ба чизе, кӯшиш кардан барои расидан ба чизе ё касе.

**ТАВАССУТ** *а.* توسّط ба восита, бо роҳи; **тавас-**

**сути…** ба воситаи…

**ТАВАҲҲУМ** *а.* توهّم 1. воҳима; ваҳм, тарс, бим. 2. гумон, тасаввур, хаёл.

**ТАВАҲҲУШ** *а.* توحّش 1. рамидан аз одамон, ваҳшӣ шудан. 2. тарсидан, ваҳшат доштан.

**ТАВАҶҶӮҲ** *а.* توجّه 1. рӯ овардан ба сӯи касе (чизе); дилсӯзӣ ва ҳамдардӣ. 2. *маҷ.* ба чизе нигаронидани диққати худ; диққат додан, лутф кардан, меҳрубонӣ; **ҳусни таваҷҷӯҳ** майлу рағбати нек доштан нисбат ба касе; **таваҷҷӯҳи** *касеро* **ба худ кашидан** диққати касеро ба сӯи худ кашидан.

**ТАВБА** *а.* توبه бозгаштан аз гуноҳ; пушаймонӣ аз гуноҳ; пушаймон шудан аз кардаи худ; **тавбаву зорӣ** пушаймонию илтиҷо; **тавба додан** *касеро*, касеро ба даст кашидан аз ягон кори бад маҷбур кардан; **тавбаи гург додан** ҷазои сахт додан ба касе, то ки дигар бадкорӣ накунад; **тавба кардан** аз кори бади кардаи худ пушаймон шудан.

**ТАВБАГАР** توبه‌گر он ки тавба мекунад, узрхоҳ; он ки касеро ба тавба кардан маҷбур мекунад.

**ТАВБАКОР** توبه‌کار тавбакунанда; **тавбакор шудан** тавба кардан, баргаштан, пушаймон шудан.

**ТАВБАКУНАНДА** توبه‌کننده тавбакор, шахсе, ки тавба мекунад.

**ТАВБАХОНА** توبه‌خانه ҷое, ки онҷо тавба медиҳанд, ҷои тавбаву надомат ва пушаймонӣ.

**ТАВБАШИКАН** توبه‌شکن шиканандаи тавба, он ки ё он чи боиси шикастани тавбаи касе мегардад.

**ТАВЗЕҲ** *а.* توضیح эзоҳ, равшан кардан, маънидод, шарҳ.

**ТАВЗЕҲӢ** توضیحی шарҳу эзоҳӣ.

**ТАВЗЕҲОТ** *а.* توضیحات *ҷ.* **тавзеҳ**.

**ТАВЗЕЪ** *а.* توزیع *кит.* 1. тақсим, ҷудо кардан ба қисматҳо. 2. ба ҳар тараф пароканда карда фиристодани чизе.

**ТАВИЛ** I *а.* طویل 1. *кит.* дароз; **баҳри тавил** номи яке аз баҳрҳои арӯз.

**ТАВИЛ** II *а.* تویل тоссар, касе, ки болои пешониаш мӯй надорад.

**ТАВИЛА** *а.* طویله оғил; саисхона, аспхона.

**ТАВИЛАБАНД** طویله‌بند дар тавила парвошуда (*асп*).

**ТАВҚ** *а.* طوق доираи гирди гардан, ҳалқа, гарданбанд; **тавқи бандагӣ** банди асорат; ҳар чизи доирашакл.

**ТАВҚБАНД** طوقبند 1. бо тавқ басташуда. 2. рахи сиёҳ, ки дар гардани баъзе парандагон дида мешавад.

**ТАВҚДОР** طوقدار 1. он ки ба гарданаш тавқ дорад. 2. *маҷ.* мутеъ, фармонбардор, итоаткунанда.

**ТАВҚЕЪ** *а.* توقیع *кит.* мӯҳри подшоҳӣ; фармони бомӯҳр; ҳукм.

**ТАВҚИР** *а.* توقیر *кит.* иззату ҳурмат кардан, мӯҳтарам шумурдан; эҳтиром.

**ТАВҚИФ** *а.* توقیف *кит.* боздорӣ, дар ҷое нигоҳ доштан; аз ҳаракат боздорондан; таваққуф; **ба тавқиф андохтан** ба таъхир андохтан, дер мондан.

**ТАВЛИД** *а.* تولید 1. бача овардан, зоидан, зоёнидан. 2. падид овардан, ба вуҷуд овардан, пайдо кунонидан; **тавлид кардан** ба вуҷуд овардан.

**ТАВЛИДӢ** تولیدی *марбут ба* **тавлид**: **воҳидҳои тавлидӣ**.

**ТАВЛИДКУНАНДА** تولیدکننده падидоваранда, бавуҷудоваранда, бароранда.

**ТАВЛИДОТ** تولیدات 1. *ҷ.* **тавлид**. 2. истеҳсолот.

**ТАВЛИДОТӢ** تولیداتی истеҳсолӣ, бавуҷудоваранда.

**ТАВОБЕЪ** *а.* توابع 1. *ҷ.* **тобеъ**. 2. қаламрав; **Кӯлоб ва тавобеи он** Кӯлоб ва маҳалҳое, ки ба доираи маъмурии он дохиланд.

**ТАВОЗӮЪ** *а.* تواضع хоксорӣ, фурӯтанӣ; **сари тавозӯъ хам кардан** изҳори итоат ва ҳурмат кардан.

**ТАВОЗӮЪКОР** تواضع‌کار хоксор, фурӯтан; он ки эҳтироми касонро ба ҷо меорад.

**ТАВОЗӮЪКОРОНА** تواضع‌کارانه аз рӯи хоксорӣ, бо фурӯтанӣ.

**ТАВОЗӮЪПЕША** تواضع‌پیشه он ки доимо хоксор

аст, хоксор, фурӯтан.

**ТАВОЗӮЪШЕВА** تواضع‌شیوه *ниг.* **тавозӯъпеша**.

**тавон** توان *асоси замони ҳозираи феъли* **тавонистан**.

**ТАВОН** توان 1. қувват, қудрат, тавоноӣ; **тавон ёфтан** зӯру қувват пайдо кардан. 2. тоб, тоқат, бардошт; **ба қадри тавон** ба қадри ҳол; **тобу тавон** тоқат, бардошт.

**ТАВОНБАХШ** توان‌بخش қувватбахш, нерӯдиҳанда.

**ТАВОНГАР** توانگر 1. давлатманд, ғанӣ; **синфи тавонгар** табақаи давлатмандон; **тавонгар кардан** соҳиби молу давлат гардонидан касеро. 2. тавоно, бақувват, зӯр.

**ТАВОНГАРДИЛ** توانگردل *кит.* босаховат, кушодарӯ, сахӣ, саховатпеша.

**ТАВОНГАРДИЛӢ** توانگردلی *кит.* босаховат будан, кушодарӯӣ, саховатмандӣ.

**ТАВОНГАРӢ** توانگری давлатмандӣ, сарватдорӣ.

**ТАВОНИСТАН** توانستن қудрат (тавоноӣ) доштан, қудрати кардани кореро доштан, қобил будан.

**ТАВОНИШ** توانش нерӯ, қудрат, тавоноӣ.

**ТАВОНО** توانا 1. соҳиби қудрат, боқувват, зӯрманд, қодир; **тавоно кардан** бо қуввату қудратманд гардонидан; **тавоно шудан** соҳиби қувват шудан, қудратманд гардидан. 2. қобил, муқтадир.

**ТАВОНОЗМОӢ** توان‌آزمایی санҷидани қудрат, озмудани қувва.

**ТАВОНОӢ** توانائی 1. зӯрмандӣ, қувват. 2. иқтидор, қудрат, бузургӣ, давлатмандӣ.

**ТАВОРА** تواره девор (*аз чӯб, хишт, лой*); **тавора кашидан** девор сохтан (ба атрофи ҷое), девора.

**ТАВОРАБАНД** تواره‌بند бастан ва ё сохтани тавора.

**ТАВОРАГИРӢ** تواره‌گیری девор кашидан ба атрофи ҷое.

**ТАВОРИХ** *а.* تواریخ *ҷ.* **таърих**.

**ТАВОФ** *а.* طواف 1. гаштан дар гирди чизе. 2. *д.* маросими махсуси гардидан дар атрофи Каъба дар вақти ҳаҷ.

**ТАВОФУҚ** *а.* توافق бо ҳам мувофиқат кардан, бо якдигар ҳамфикр будан; мувофиқат, созиш, ба як фикр омадан.

**ТАВОФУР** *а.* توافر *кит.* фаровонӣ, зиёдӣ, бисёрӣ.

**ТАВР** *а.* طور тарз, хел, навъ, равиш; **ба таври расмӣ** расман; **ба таври худ** ба тарзи худ, ба усули худ, ба тарзи ба худаш хос; **ин тавр, ҳамин тавр** ин хел, ба ин тариқ; **чи тавре ки…** чунон ки…; **чӣ тавр?** аҳволат чӣ хел аст?, дар чӣ аҳвол ҳастӣ?

**ТАВРОТ** *я.* تورات *д.* китоби муқаддаси яҳудиён.

**ТАВСАН** توسن асп; аспи саркаш ва ромнашуда, гарданкаш.

**ТАВСАНДИЛӢ** توسن‌دلی саркашӣ, саркаштабъӣ, нофармонӣ, гарданшахӣ, якравӣ.

**ТАВСЕА** *а.* توسعه фарохӣ, вусъат, кушодӣ; **тавсеа додан** вусъат (ривоҷ) додан.

**ТАВСЕАТАЛАБӢ** توسعه‌طلبی *с.* паҳноҷӯӣ; фоидаҷӯӣ аз кишварҳои дигар.

**ТАВСИФ** *а.* توصیف 1. васф кардан, таъриф намудан, ситоиш, таъриф; **тавсиф кардан** ситоидан, таъриф кардан. 2. баён, шарҳ.

**ТАВСИФНОМА** توصیف‌نامه таърифнома (ҳуҷҷат), хислатнома.

**ТАВСИЯ** *а.* توصیه 1. маслиҳат, салоҳдид; **тавсия кардан (намудан)** маслиҳат додан. 2. баён кардани фикри мусбат дар ҳаққи касе ё чизе.

**ТАВСИЯКУНАНДА** توصیه‌کننده он ки дар ҳаққи касе (чизе) фикри мусбат баён карда ё навиштааст.

**ТАВСИЯНОМА** توصیه‌نامه санаде, ки дар он дар ҳаққи касе (чизе) фикри мусбат навишта шудааст.

**ТАВТЕА** *а.* توطئه заминасозӣ кардан барои ҳадафҳои хиёнаткорона.

**ТАВТЕАКОР** توطئه‌کار хиёнаткор, экстремист.

**ТАВТЕАОМЕЗ** توطئه‌آمیز хиёнатомез, ба таври хиёнаткорона.

**ТАВФ** *а.* طوف *ниг.* **тавоф**.

**ТАВФИҚ** *а.* توفیق 1. мадад кардани бахт (ба касе), мувофиқ, созгор омадан (-и шароити коре). 2. муваффақият; **тавфиқ ёфтан** муваф-

фақ гардидан, пешрафт, комёбӣ.

**ТАВФИР** *а.* توفير *кит.* 1. зиёд шудан. 2. зиёд кардан, ҷамъ кардан, фоида, суд.

**ТАВФИРСАНҶ** توفيرسنج *кит.* фоидасанҷ, он ки фоидаву зарари худро месанҷад.

**ТАВҲИД** *а.* توحيد 1. ягонагӣ, ваҳдат. 2. *д.* эътиқод ба ягонагии Худо.

**ТАВҶЕҲ** *а.* توجيه *кит.* 1. рӯ овардан ба сӯи чизе, муроҷиат. 2. шарҳ, тафсир, тавзеҳ кардан. 3. ҳисоб кардан, шумурдан, ҳисоб.

**ТАВЪАМ** *а.* توأم *кит.* 1. ҳамзод, дугона, дупайкар. 2. ҳамроҳ, якҷоя; он чи якҷоя ба вуҷуд меояд, ҷуфт.

**ТАВЪАМОН** *а.* توأمان *шакли дугонаи* **тавъам**; ҳар яке аз ду бачае, ки аз як шикам дар як вақт зоида шудаанд.

**ТАВЪАН** *а.* طوعاً *кит.* аз рӯи ихтиёр, аз рӯи майлу рағбат; **тавъан ва карҳан** хоҳӣ нахоҳӣ; хушу нохуш.

**ТАГ** I تگ 1. зер, буни ҳар чиз: **таги бом, таги дег, таги чоҳ, таги дарахт**. 2. пеш, назд; **таги гап (хабар, кор)** моҳият ва асли матлаб; **аз таги дил** аз сидқи дил, аз замири дил; **аз таги чашм** нигоҳ кардани пинҳонӣ, дуздида нигаристан; **куртаи таг** таҳкурта; куртаи шабпӯшак; **хонаи таг**; таҳхона; **таг бастан** ба соқи кӯҳна кафакии нав дӯхтан; **таг задан** пинҳон кардан, аз худ кардан (*мас., пулро*); **таги по кардан** помол кардан, нест кардан; **тагу рӯ шудан** зеру забар шудан, чаппаву роста шудан; **таги чашм кардан** чизеро ё касеро барои мақсаде тахти назар қарор додан; ◊ **аз таги дор гурехта(гӣ)** одами бадкор, ҷинояткор; **таг кашидани дил** суст (беҳол) шудани дил; **аз таги дунё нагиред**! бисёр пулпараст нашавед, аз паи молу давлат набошед! **каждуми таги бурё** он ки пинҳонӣ ва хомӯшона бадкорӣ мекунад, зарар мерасонад.

**ТАГ** II تگ 1. тохтан, давидан, дав, давиш. 2. задан, зарба.

**ТАГАКӢ** تگکی пинҳонӣ, рустӣ, ба касе нафаҳмонда.

**ТАГАЛ** تگل гӯсфанде, ки шоххои тобдори каҷ дорад; қӯчқор.

**ТАГАЛАК** تگلک думчаи хӯшаи ҷувории сафед.

**ТАГАЛБАРРА** تگلبره барраи нар.

**ТАГАЛОВӢ** تگلاوی хасу тарошаи хушк барои даргирондани ҳезум, пешдаргирон.

**ТАГАЛҶАНГ** تگلجنگ қӯчқорҷанг, ҷанги гӯсфандони нар.

**ТАГАЛҶАНГАНДОЗӢ** تگلجنگاندازی қӯчқорҷангандозӣ, ҷанг андохтани қӯчқор бо қӯчқор.

**ТАГАРГ** تگرگ жола, яхча, қатраҳои борон, ки бар асари сардӣ ях мешавад.

**ТАГАС** تگس 1. донаки ангур. 2. шохчаи хӯшаи ангур, ки баъд аз чида гирифтани донаҳои ангур ё мавиз боқӣ мемонад.

**ТАГГИРӢ** تگگیری 1. буридани чарм барои пойафзол ва ба қолиб кашидани он. 2. пеш аз гаҷкорӣ ё сафед кардан ҳамвор андовидани девор.

**ТАГДОН** تگدان сухансанҷ, гапдон; он ки аз асли матлаб воқиф аст.

**ТАГДОР** تگدار **:гапи тагдор** гапе, ки дар зераш маънии дигаре ниҳон аст.

**ТАГДӮЗӢ** تگدوزی **:тӯппии тагдӯзӣ** навъи тӯппии тоҷикӣ.

**ТАГИДАН//ТАКИДАН** تگیدن//تکیدن давидан, даводав кардан, тохтан.

**ТАГИДЕГӢ** تگدیگی 1. он чи дар таги дег мондааст, таҳдегӣ, тагдегӣ. 2. *маҷ.* мағзи (моҳияти) масъала.

**ТАГИЗАМИНӢ** تگزمینی зеризаминӣ, он чи ба зери замин аст: **сарватҳои тагизаминӣ**.

**ТАГИН//ТИГИН** *т.* تگین *кит.* 1. қаҳрамон, паҳлавон, баҳодур. 2. камар, миён.

**ТАГИПО** تگپا 1. он чи ба зери по афтодааст; **тагипо кардан** помол кардан чизеро. 2. *маҷ.* ҳақиру забун пиндоштан, хор кардан (*касеро*), **тагипо шудан** помол шудан, фарсуда гаштан.

**ТАГИПОЙМОНӢ** تگپایمانی помол шудан.

**ТАГИСАРӢ** تگسری *ниг.* **тагсарӣ**.

**ТАГИЧАШМ** تگچشم **:тагичашм кардан** чизеро ба мадди назар гирифтан, чизеро таги чашм кардан.

**ТАГИШИФТӢ** تگشفتی наздик ба шифти хона,

дар зери шифт буда.

**ТАГКАШ** تگ‌کش он чизе ки дар зер кашида мешавад.

**ТАГКОБӢ** تگ‌کابی кунҷковӣ, кӯшиш ба фаҳмидани асли матлаб аз касе.

**ТАГКУРСӢ** تگ‌کرسی *ниг.* **таҳкурсӣ**.

**ТАГЛАМА** تگلمه таг ва рӯи нав бастан (дӯхтан) ба соқи мӯзаи кӯҳна.

**ТАГЛАМАДӮЗ** تگلمه‌دوز устое, ки ба соқи мӯзаи кӯҳна таглама медӯзад.

**ТАГМОНАК** تگ‌مانک он чи ба зери чизе монда (гузошта) мешавад.

**ТАГНИШИН** تگ‌نشین хилт, дурда, ки ба таги моеот мехобад, таҳнишин, таҳшонии ҳар чизе.

**ТАГНОКӢ** تگ‌ناکی пинҳонӣ, махфӣ, ба касе аёну ошкор накарда; **тагнокӣ ҳал шудани коре**.

**ТАГОБ** تگاب *ниг.* **такоб**.

**ТАГОБӢ** تگابی навъи ангур.

**ТАГПАҲН** تگ‌پهن он чи тагаш паҳн аст; **завраки тагпаҳн**, **деги тагпаҳн**.

**ТАГПУРСӢ** تگ‌پرسی кунҷковӣ кардан барои фаҳмидани асли гап.

**ТАГПӮШ** تگ‌پوش зерпироҳан; он чи аз таг ба тани бараҳна пӯшида мешавад.

**ТАГПӮШӢ** تگ‌پوشی аз таг пӯшидашаванда.

**ТАГРЕХТА** تگ‌ریخته меваи пухтаи ба таги дарахт рехта: **себҳои тагрехта**.

**ТАГСАРӢ** تگ‌سری болишт, лӯла; таҳсарӣ; **тагсарӣ кардан** болишт кардан, лӯла кардан.

**ТАГСИНҶ** تگ‌سنج синҷи таҳкурсии бинои қаламакорӣ.

**ТАГ-ТАГИ** تگ‌تگ зер-зери (девор, бино), поён-поёни.

**ТАГУРӮ** تگ‌ورو **:тагурӯ кардан** зеру рӯ кардан.

**ТАГХОНА** تگ‌خانه хонаи зерини бино, қабати поёнии (тагизаминии) бино, таҳхонаи бино.

**ТАГЧАРМ** تگ‌چرم 1. пойафзоли тагаш аз чарм. 2. кафакӣ, таги пойафзол.

**ТАГҶОЙ** تگ‌جای муқимӣ, доимӣ, таҳҷоӣ; **аҳолии тагҷоӣ** мардуми маҳаллӣ, муқимӣ ва доимӣ дар ҷое, бумӣ, таҳҷойӣ.

**ТАҒАЗЗУЛ** *а.* تغزل *кит.* 1. шеъри ғиноии ишқӣ; ғазалгӯӣ, шеърҳои ошиқона. 2. ишқбозӣ кардан.

**ТАҒАЙЮР** *а.* تغیر дигаргуншавӣ, табдилёбӣ, аз ҳоли худ баргаштан.

**ТАҒАННӢ** *а.* تغنی сурудхонӣ, таронасароӣ.

**ТАҒЗИЯ** *а.* تغذیه ғизо додан, хӯрок додан, хӯрондан; ғизо хӯрдан.

**ТАҒМА** *т.* تغمه *ниг.* **тамға**.

**ТАҒЙИР** *а.* تغییر дигаргунӣ; дигаргун шудан; **тағйир додан** дигар кардан, аз ҳоле ба ҳоли дигар гардондан; **тағйир ёфтан** дигар шудан, дигаргун гардидан.

**ТАҒЙИРДИҲӢ** تغییردهی дигаргун гардондани коре ё чизе.

**ТАҒЙИРЁБАНДА** تغییریابنده дигаргуншаванда.

**ТАҒЙИРЁБӢ** تغییریابی дигаргун шудан.

**ТАҒЙИРЁФТА** تغییریافته дигаргуншуда.

**ТАҒЙИРНОПАЗИР** تغییرناپذیر дигаргуннашаванда, собит, барқарор.

**ТАҒЙИРНОПАЗИРӢ** تغییرناپذیری дигаргуннашавандагӣ.

**ТАҒЙИРОТ** تغییرات *ҷ.* **тағйир**; тағйирот даровардан, қисман, дигаргун кардан (*мас.*, *лоиҳаеро*).

**ТАҒЙИРПАЗИР** تغییرپذیر он чизе ки қобили тағйир аст.

**ТАҒЙИРПАЗИРӢ** تغییرپذیری қобил будан ба тағйирёбӣ ва дигаргунӣ, дигаргуншавандагӣ.

**ТАҒО(Ӣ)** تغا//تغائی бародари модар.

**ТАҒОБАЧА** تغابچه фарзанди тағо (бародари модар) чи духтар ва чи писар.

**ТАҒОӢ** تغائی *ниг.* тағо.

**ТАҒОР** تغار *ниг.* **тағора**.

**ТАҒОРА** تغاره зарфи калони сафолӣ, филизӣ ё чӯбӣ (*барои ҷомашӯӣ ва хамиргирӣ*); **тағораи обрезӣ** зарфи обрезӣ.

**ТАҒОРАЧА** تغارچه тағораи хурд.

**ТАҒОФУЛ** *а.* تغافل худро ба нодонӣ задан; бе-

парво нишон додани худ; чашмпӯшӣ, ғафлат; **тағофул кардан (намудан)** ғафлат кардан, чашм пӯшидан (аз чизе); ба ғафлат мондан.

**ТАҒОФУЛПЕША** تغافل‌پیشه он ки худро ба нодонӣ мезанад; бепарво.

**ТАҒОЯК** تغایک нарма, қисмҳои нисбатан нарми бадани одам ва ҳайвон, ки унсурҳои онро ба ҳам мепайванданд; **тағояки бинӣ, тағояки гӯш**.

**ТАҒОЯКДОР** تغایک‌دار дорандаи тағояк, дорои тағояк.

**ТАДАББУР** *а.* تدبر *кит.* нек андешидани оқибати коре; тадбир кардан, илоҷ ёфтан.

**ТАДБИР** *а.* تدبیر 1. чора дидан, илоҷ андешида; чора, чорабинӣ; **тадбир ба кор бурдан** андешидан; машварат карда роҳ ёфтан ба коре. 2. ҳила, фанд.

**ТАДБИРСОЗ** تدبیرساز чораандеш; оқил, он ки роҳҳои ҳал карданро медонад.

**ТАДБИРШИНОС** تدبیرشناس донандаи роҳи чора.

**ТАДВИН** *а.* تدوین гирдоварӣ, ба тартиб даровардан (*мас., маҷмӯаи шеърҳои худ ё касеро*); таълиф.

**ТАДВИР** *а.* تدویر гирд гардонидан, давр задан, чархзанӣ.

**ТАДҚИҚ** *а.* تدقیق диққат карда амиқ омӯх- тани чизе, борикбинона кофтуков карда дидани чизе; **тадқиқ кардан (намудан)** омӯхтан, бо диққат ва борикбинона омӯхтан.

**ТАДҚИҚГАР** تدقیق‌گر шахсе, ки касе ё чизеро меомӯзад.

**ТАДҚИҚӢ** تدقیقی *мансуб ба* **тадқиқ**: **корҳои тадқиқӣ**.

**ТАДҚИҚКУНАНДА** تدقیق‌کننده он ки таҳлилу баррасӣ (тадқиқ) мекунад.

**ТАДҚИҚОТ** *а.* تدقیقات маҷмӯаи санҷишҳо, омӯзишҳо, пажӯҳиш.

**ТАДҚИҚОТӢ** تدقیقاتی *ниг.* **тадқиқӣ**.

**ТАДҚИҚОТЧӢ** تدقیقاتچی *гуфт.* тадқиқкунанда, омӯзанда, муҳаққиқ.

**ТАДЛИС** *а.* تدلیس *кит.* фиреб, фиребгарӣ; авомфиребӣ.

**ТАДОВӢ** *а.* تداوی даво кардан, муолиҷа, табобат.

**ТАДОРУК** *а.* تدارک 1. фароҳам кардан, омода сохтан; тайёрӣ, омодагӣ; **тадорук дидан** тайёрӣ дидан, омода шудан. 2. чора, тадбир, илоҷ, чорабинӣ.

**ТАДОХУЛ** *а.* تداخل *кит.* мудохила, ба якдигар даромадан.

**ТАДРИС** *а.* تدریس *кит.* дарсдиҳӣ, таълим, омӯзиш.

**ТАДРИСГОҲ** تدریس‌گاه ҷои дарсгӯӣ ва дарсгирӣ.

**ТАДРИСӢ** تدریسی дарсдиҳӣ, маводи дарсӣ, таълим.

**ТАДРИҶ** *а.* تدریج дараҷа ба дараҷа пешравӣ ва поя ба поя болобарой; **ба тадриҷ** дараҷа ба дараҷа; ба оҳистагӣ, оҳиста-оҳиста.

**ТАДРИҶАН** *а.* تدریجاً оҳиста–оҳиста, дараҷа ба дараҷа.

**ТАДРИҶӢ** تدریجی оҳистагӣ, ба оҳистагӣ; **такомули тадриҷӣ**.

**ТАДФИН** *а.* تدفین дафн кардан, гӯр кардан.

**ТАЁҚ** تیاق *гуфт.* калтак, чӯбдаст; **алифро таёқ гуфтан** *гуфт., маҷ.* тамоман бехату савод будан.

**ТАЗАВВУҶ** *а.* تزوج зангирӣ; зан гирифтан; шӯй кардан, ба шавҳар расидан, издивоҷ кардан.

**ТАЗАККУР** *а.* تذکر ба ёди худ овардан, ба хотири худ овардан; ёдоварӣ, хотиррасонӣ.

**ТАЗАЛЗУЛ** *а.* تزلزل *кит.* ларза, ларзиш.

**ТАЗАЛЗУЛНОПАЗИР** تزلزل‌ناپذیر таконнахӯранда; устувор, барқарор, матин.

**ТАЗАЛЛУМ** *а.* تظلم додхоҳӣ, шикоят аз беадолатии касе; **тазаллум кардан** додхоҳӣ пурсидан.

**ТАЗАРВ** تذرو мурғи даштӣ; **мурғи тазарв**; **тазарви зарних** *киноя аз* ангишти афрӯхта, лахча; **тазарви зарринпар** *киноя аз* офтоб ва оташ.

**ТАЗАРРӮЪ** *а.* تضرع зорӣ, тавалло, илтиҷо; изҳори фурӯтанӣ.

**ТАЗВИР** *а.* تزویر фиреб, макр, ҳила.

**ТАЗВИРГАР** تزویرگر фиребгар, маккор, ҳилагар; риёкор, дурӯя.

**ТАЗВИҶ** *а.* تزویج *кит.* заношӯӣ; зангирӣ; хонадор шудан; **тазвиҷ кардан** ба занӣ додан; хонадор кардан.

**ТАЗЙИД** *а.* تزیید *кит.* зиёд кардан, афзун кардан, афзудан.

**ТАЗЙИҚ//ТАЗЪИҚ** *а.* تضییق танг кардан ё фишор овардан ба чизе, фишор; **тазйиқи хун** зиёд шудани фишори хун дар бадани инсон; дар тангӣ қарор додан, сахт гирифтан, сахтгирӣ; **ба тазйиқ кашидан** фишор додан; исроркорона талаб кардан.

**ТАЗЙИН** *а.* تزیین *кит.* 1. зинатдиҳӣ; зеб, зинат, ороиш; **тазйин ёфтан** зинат додан. 2. оростан.

**ТАЗКИРА** I *а.* تذکره 1. маҷмӯи ашъори шоирон ва тарҷумаи ҳоли онҳо. 2. ёддошт, ёдоварӣ. 3. рӯйхат.

**ТАЗКИРА** II *а.* تذکره *кит.* гувоҳинома, ҳуҷҷати шахсӣ, шиноснома.

**ТАЗКИРАНАВИС** تذکره‌نویس тартибдиҳандаи маҷмӯаи ашъори шоирон.

**ТАЗКИЯ(Т)** I *а.* تذکیه//تذکیت занозанӣ, кушокушӣ; сар буридан, зибҳ кардан.

**ТАЗКИЯ(Т)** II *а.* تزکیه//تزکیت 1. поксозӣ, тоза кардан, софкорӣ. 2. сутудан, ситоиш.

**ТАЗЛИЛ** I *а.* تذلیل хору залил кардан.

**ТАЗЛИЛ** II *а.* تضلیل ба залолат андохтан, гумроҳ кардан.

**ТАЗМИН** *а.* تضمین *кит.* 1. ба ӯҳда гирифтани товон, зомин шудан; замонат, зоминӣ, кафолат. 2. *адш.* даровардани ягон мисраъ ё байти шоири дигаре ба шеъри худ.

**ТАЗМИНӢ** تضمینی замонатшуда, зомин-шуда.

**ТАЗМИНОТ** *а.* تضمینات *кит.* маблағе, ки давлати мағлуб ба давлати ғолиб бояд пардозад, ҷаримаи ҳарбӣ.

**ТАЗОД(Д)** *а.* تضاد *кит.* 1. зиддият, мухолифат, душманӣ, ноҷӯрӣ. 2. *адш.* бо ҳам зид гузошта шудани ду ҳодиса дар асари бадеӣ, *мас.* суду зиён, некиву бадӣ, наздику дур, шабу рӯз.

**ТАЗОҲУР** *а.* تظاهر 1. ошкор шудан, зоҳир шудан. 2. худнамоӣ, ба худ нисбат додани сифати дар худ набуда. 3. ба ҳам ёрӣ расондан, ба ҳамдигар пуштибонӣ кардан.

**ТАЗОҲУРОТ** *а.* تظاهرات *ниг.* **тазоҳур**.

**ТАЗОЮД** *а.* تزاید *кит.* зиёд шудан, афзоиш, афзоиш ёфтан.

**ТАЗРИҚ** *а.* تزریق дохил кардан, ворид кардани дору ё моеъи дигар ба бадан.

**ТАЗҲИБ** *а.* تذهیب *кит.* зарандуд кардан, тил(л)окорӣ, заркорӣ, бо зар нақш бастан.

**ТАЗЪИД** *а.* تزئید *ниг.* **тазйид**.

**ТАЗЪИН** *а.* تزئین **тазйин**.

**ТАЙ** *а.* طی 1. гузаштан, сипарӣ кардан (-и вақт ва роҳ); **тай кардан** гузаштан, гузашта рафтан. 2. номи қабилае аз араб, ки Той ҳам мегӯянд ва Ҳотами Той аз он қабила будааст…; ◊ **тайи лисон** ба кор бурдани фасоҳат дар таҳрир ва гуфтор.

**ТАЙАРОН** *а.* طیران парвозкунанда, паранда; **тайарон шудан** ба париш даромадан; **аз тайарон мондан** аз парвоз бозмондан.

**ТАЙГАШТА** طی‌گشته :**роҳи тайгашта** роҳи сипаришуда.

**ТАЙЁР** I *а.* تیار 1. омода, ҳозир, муҳайё; **тайёр истодан** омода будан, муҳайё будан; **тайёр кардан** омода кардан, муҳайё кардан; **тайёр шудан** омода шудан, муҳайё будан. 2. пухтан.

**ТАЙЁР** II *а.* تیار *таър., кҳн.* унвони дараҷагии олуфтаҳои Бухоро.

**ТАЙЁР** III *а.* طیار паранда, парвозкунанда.

**ТАЙЁРА** *а.* طیاره 1. *ниг.* **ҳавопаймо**. 2. *маҷ.* асп.

**ТАЙЁРИБИНӢ** تیاری‌بینی омодагӣ, омода шудан ба коре.

**ТАЙЁРӢ** تیاری омодагӣ, ҳозирӣ; **тайёрӣ дидан** омода шудан; **тайёрӣ доштан** омода будан.

**ТАЙЁРКУНАНДА** تیارکننده он ки чизеро омода ва ҳозир мекунад.

**ТАЙЁРФУРӮШ** تیارفروش он ки чизҳои сохтаву дӯхтаи дигаронро мефурӯшад.

**ТАЙЁРХӮР** تیارخور он ки ба чизи тайёру омода шарик мешавад; муфтхӯр.

**ТАЙЁРХӮРӢ** تیارخوری он ки чизи омодашударо мехӯрад.

**ТАЙИБ** *а.* طیب 1. пок, покиза, озода, тоза. 2. форам, матлуб.

**ТАЙЛАСОН** *а.* طیلسان як навъ ҷомаи васеъи дарозу беостин, ки рӯҳониён ва қозиён мепӯшанд.

**ТАЙЛОҚ** *т.* طیلاق *кит.* шутурбача.

**ТАЙР** *а.* طیر *кит.* мурғ, паранда.

**ТАЙСАЛ** *а.* تیسل :*кит.* **тайсал додан** ба қафо андохтан, кашол додан.

**ТАЙШУДА** طی‌شده сипаришуда.

**ТАК** I تک *ниг.* **таг**.

**ТАК** II تک давиш, дав; **таку дав**, **таку тоз**.

**ТАКА** I تکه бузи нар.

**ТАКА** II تکه яке аз қабилаҳои туркман.

**ТАКАББУР** *а.* تکبّر мағрурӣ, худписандӣ, ҳавобаландӣ; **такаббур доштан** мағрур (ҳавобаланд) будан.

**ТАКАББУРӢ** تکبّری мағрурӣ, ҳавобаландӣ.

**ТАКАББУРНОК** تکبّرناک мағрур, худписанд, ҳавобаланд.

**ТАКАББУРОНА** تکبّرانه мағрурона, ҳавобаландона.

**ТАКАББУРФУРӮШӢ** تکبّرفروشی ғурур, ҳавобаландӣ.

**ТАКАБУЗ** تکه‌بز бузи нар.

**ТАКАГӢ** تکگی *мансуб ба* **така**; **қолини такагӣ** қолине, ки ба аҳли қабилаи такаҳо мансуб аст.

**ТАКАЛЛУМ** *а.* تکلم гапзанӣ, суханронӣ; **такаллум кардан** гап задан.

**ТАКАЛЛУФ** *а.* تکلّف 1. ба зимма гирифтани ранҷи зиёдатӣ, бо машаққат анҷом додани коре. 2. худнамоӣ, нишон додани худ дар ягон сифати дар худ набуда.

**ТАКАСАЛТАНГ** تکه‌سلتنگ *гуфт.* бекорхӯҷа.

**ТАКБАНД** تک‌بند камарбанди махмалӣ ва абрешимии (ё махсусан) бофтаи зардӯзии занона.

**ТАКБАНДБОФ** تک‌بندباف косибе, ки такбанд мебофад.

**ТАКБАРГ** *а.* تک‌برگ барги поёнӣ.

**ТАКБИР** *а.* تکبیر *д.* такрор намудани ибораи «аллоҳу акбар» дар вақти намоз; **такбир фуровардан** дар вақти намоз ё азон «аллоҳу акбар» гуфтан. 2. бузург шумурдан.

**ТАКГИР** تک‌گیر устои бурандаи чарм (*истилоҳи пойафзолдӯзӣ*).

**ТАКГИРӢ** تک‌گیری буридани чарм ва қолиб кашидани он дар пойафзолдӯзӣ.

**ТАКДАВ** تک‌دو ба қабати хок даромадани об.

**ТАКЗИБ** *а.* تکذیب *кит.* ба дурӯғ даровардани гапе; рад кардани он, дурӯғ будани матлаберо нишон додан, *муқоб.* **тасдиқ**.

**ТАКИДЕГӢ** تک‌دیگی оши аз ҳама тагтари дег.

**ТАККА** تکّه *ниг.* **така** I.

**ТАККУРСӢ** تک‌کرسی пойдевор, бунёд асос (дар бино), *муқ.* **таҳкурсӣ**.

**ТАКЛИФ** *а.* تکلیف 1. заҳмат, азият додан. 2. пешниҳод. 3. даъват кардан касеро ба ҷое, даъват; **таклиф кардан** а) пешниҳод кардан; б) даъват кардан (*мас.,ба меҳмонӣ*); **таклифи шаръӣ** *д.* он чи аз рӯи шариат ба ҷо овардаанаш зарурист.

**ТАКМИЛ** *а.* تکمیل пурра гардонидан, мукаммал кардан; **такмили ихтисос** боло бардоштани дараҷаи ихтисоси худ; **такмил додан** пурра кардан, мукаммал кардан; **такмил ёфтан** пурра шудан, мукаммал шудан.

**ТАКМИЛДИҲӢ** تکمیل‌دهی *исми амал аз* **такмил додан**.

**ТАКМИЛЁБӢ** تکمیل‌یابی *исми амал аз* **такмил ёфтан;** пурра шудан, такмил ёфтан.

**ТАКМИЛӢ** تکمیلی пуррагӣ, баркамолӣ.

**ТАКНИШИН** تک‌نشین таҳнишин, чизе, ки дар таги моеот менишинад (дурда, лойқа).

**ТАКНИШОН** تک‌نشان :**такнишон кардан** фикреро ба касе илқо кардан, чизеро дар хотири касе ҷойгир намудан.

**ТАКОБ** تکاب ҷои пасти обгузари байни ду кӯҳ, ҷои обканда, дара.

**ТАКОВАР** تکاور *кит.* тезрав, тезрафтор, даванд (*асп*).

**ТАКОВАРӢ** تکاوری *кит.* тездавӣ, тезрафторӣ, давандӣ.

**ТАКОМУЛ** تکامل ба камол расидан, ба воя расидан, ба тадриҷ комил шудан: **такомули тадриҷӣ**.

**ТАКОН** تکان ҳаракат, ҷунбиш; ларза; **такон додан** ҷунбондан, ҳаракат додан; таконидан; **такон хӯрдан** ҳаракат кардан, ҷунбидан.

**ТАКОН(И)ДАН** تکاندن//تکانیدن ҷунбондан, ҳаракат додан, ба ҳаракат овардан, ларзондан; афшондан.

**ТАКОНХӮРӢ** تکانخوری ларзиш, такон.

**ТАКОПӮ(Й)** تکاپو(ی) даводав, омадурафти бошитоб; такудав; **ба такопӯ будан** рафтуой доштан, дар такудав будан; **дил дар такопӯй будан** дар ташвиш будан, мушаввашхотир будан.

**ТАКПОЙ** تکپائی *кит.* тездав, тезрафтор, сабукрафтор, даванд.

**ТАКПУРСӢ** تکپرسی **:такпурсӣ кардан** *маҷ.* моҳияти гапе, кореро фаҳмиданӣ шудан.

**ТАКРИМ** *а.* تکریم *кит.* кироми доштан; ҳурмат, эҳтиром, иззат; **такрим кардан** ҳурмат кардан, иззат кардан, мӯҳтарам донистан.

**ТАКРОР** *а.* تکرار 1. гаштаву баргашта кардани коре. 2. гаштаву баргашта хондани чизе барои нағз аз худ кардани он; **такрори дарс** тайёр кардани дарс дар мактаб; **такрор ёфтан** гаштаву баргашта рӯй додани воқеае; **такрор кардан** а) дубора гуфтан, чанд бор гуфтан (*гаперо*); б) гаштаву баргашта анҷом додан кореро; **такрор шудан** гаштаву баргашта рӯй додан (*воқеае*).

**ТАКРОРАН** *а.* تکراراً гаштаву баргашта, дубора ё чандин бор (рӯй додани коре).

**ТАКРОРИСТЕҲСОЛ** تکراراستحصال такрор ба такрор истеҳсол намудан.

**ТАКРОРӢ** تکراری *мансуб ба* **такрор**; **кишти такрорӣ**, **курсҳои такрорӣ**.

**ТАКРОРШАВАНДАГӢ** تکرارشوندگی аз нав такрор шудан.

**ТАКСИНҶ** تکسنج *ниг.* **тагсинҷ**.

**ТАКСИР** I *а.* تکثیر бисёр кардан, зиёд намудан; афзоиш; **дастгоҳи таксир** дастгоҳи нусхабардорӣ.

**ТАКСИР** II *а.* تکسیر шикастан, кафондан; хароб кардан, вайрон кардан.

**ТАКСӢ** تکسی мошини сабукрав барои мусофирбарӣ

**ТАК-ТАК** تک تک 1. **так-таки по** овози пой дар вақти роҳ рафтан; **так-таки по рафтан** *киноя аз* тарсондан бо садои пой, шӯҳрат ва ё қудрати худро таъриф кардан. 2. *гуфт., маҷ.* олам, дунё, ҷою макон; **дар ин так-так** а) дар ин дунё; б) дар ин атроф, дар ин гирду миён.

**ТАКТИКА** *а.* تکتیکه 1. санъати бурдани ҷанг. 2. маҷмӯи восита ва роҳҳо барои расидан ба мақсаде, хатти ҳаракати муайяни асоснок; **тактика доштан** роҳу равиши муайян ё хатти ҳаракати аниқ доштан.

**ТАКТИКӢ** تکتیکی *мансуб ба* **тактика**: **вазифаи тактикӣ**, **ҳамияти тактикӣ**.

**ТАКТОЗ** تکتاز такопӯ, даву тоз, босуръат ва бошитоб кореро анҷом додан.

**ТАКУДАВ** تکودو *ниг.* **такопӯ**; **такудав кардан** дар пайи ҷустуҷӯи чизе давидан; **ба такудав афтодан** ба ҷустуҷӯ даромадан, ба ин сӯ он сӯ давидан, тараддуд кардан.

**ТАКУПӮ** تکوپو *ниг.* **такопӯ(й)**.

**ТАКУРӮ(Й)** تکورو(ی) **:такурӯй кардан** чаппаву роста (зеру забар) кардан (гардондан); **такурӯй шудан** чаппаву роста шудан, зеру забар гаштан.

**ТАКУТОЗ** تکوتاز даводавӣ; ҷӯстуҷӯ; **такутоз кардан** даводавӣ кардан; ҷӯстуҷӯ намудан; **дар такутоз шудан** даводавӣ кардан.

**ТАКФИН** *а.* تکفین кафан кардан, кафан пӯшонидан (*ба мурда*); **асбоби такфин** чизҳои даркорӣ барои шустан ва ба кафан пӯшондани мурда; **обу такфин кардан** шустан ва кафан кардан (*мурдаро*).

**ТАКФИР** *а.* تکفیر **:такфир кардан** *кит.* ба бединӣ нисбат додан, кофир шуморидан, бедин ҳисоб кардан.

**ТАКФИРӢ** تکفیری бединӣ, кофирӣ.

**ТАКХОНА** تکخانه *ниг.* **таҳхона**.

**ТАКЧАРМ** تکچرم *ниг.* **тагчарм**.

**ТАКҶОЙ** تکجائ маҳаллӣ, бошандаи ҷои

маълум, ҳаминҷоӣ; *ниг.* **тагҷой**.

**ТАКҶОЙ** تکجای бозорпулӣ, маблағе, ки фурӯшанда бояд барои дар бозор барои чиз фурӯхтанаш пардозад; **такҷойи бозор**

**ТАКШИН** I تکشین замине, ки ба сабаби шибба задан ва кӯфтан сахт шудааст; таҳшин, охири чизе.

**ТАКШИН** II تکشین **:такшин карда гуфтан** бо таъкид гуфтан.

**ТАКЯ** *а.* تکیه *кит.* 1. он чи бар он пушт ниҳода мешавад. *2. маҷ.* пушту паноҳ; **такя кардан** *ба чизе, ба касе* а) пушт ниҳодан; б) ба касе умед доштан, ба умеди касе шудан, ба чизе умедвор шудан; **такя кардан** *чизеро* ба ҷое ҷафс карда мондан, то ки наафтад. 3. *кит.* хонақоҳ; макони дарвешон. 4. *маҷ.* маскан, бошишгоҳ.

**ТАКЯГАҲ** تکیه‌گه 1. ҷои такя додан, чизе, ки ба он пушт гузошта мешавад (*мас., деворaи пушти курсӣ*). 2. касе, ки ба мадади вай умедвор шуда кореро мекунанд, пушту паноҳ, ҳомӣ.

**ТАКЯГОҲ** تکیه‌گاه *ниг.* **такягаҳ**.

**ТАКЯДОР** تکیه‌دار *кит.* 1. гӯшанишинӣ, дарвешу қаландар, он ки гӯшанишиниву хилватнишиниро ихтиёр кардааст. 2. *маҷ.* ҳар ки пушту паноҳ дорад; соҳибдор.

**ТАКЯКАЛОМ** تکیه‌کلام вожа, калима ё иборае, ки дар гуфтор бе назардошти маънии такроран истифода кунанд; калимае, ки дар гуфтори шахсе бисёр во мехӯрад.

**ТАКЯНИШИН** تکیه‌نشین он ки дар хонаҳо ва маконҳои муқаддас хилватнишинӣ кунад, хилватнишинии зоҳидону дарвешон ва мазҳабиён.

**ТАКЯҶОЙ** تکیه‌جای ҷои осоишу роҳат, паноҳгоҳ, такягоҳ.

**ТАҚАББУЛ** *а.* تقبّل *кит.* қабул кардан ё ба зимма гирифтани чизе, бар ӯҳда гирифтани коре, пешкаш, ҳадя, тӯҳфа.

**ТАҚАДДУС** *а.* تقدّس *кит.* порсоӣ, муқаддасӣ, покӣ; парҳезкорӣ; ◊ **олами тақаддус** а) олами покӣ ва порсоӣ; б) *маҷ.* олами боло, осмон; **тақаддус фурӯхтан** худро порсо нишон додан, худро зоҳид тарошидан.

**ТАҚАЙЮД** *а.* تقید гирифторӣ ба қайди чизе, бастагӣ; вобастагӣ; **тақайюд кардан** (*ё намудан*) ба қайд овардан, ба банд андохтан.

**ТАҚАЛ** *а.* تقل *гуфт.* фаъолият ва ҷунбуҷӯш ё дасту по задан барои раҳоӣ ёфтан аз вазъияти нохуш, ҳила, найранг, баҳонаҷӯӣ бо мақсади накардани коре; **тақал кардан** баҳонаҷӯӣ кардан, бо баҳонае кореро ба қафо андохтан.

**ТАҚАЛКОРӢ** تقل‌کاری *гуфт.* ҳилагарӣ, баҳонаҷӯӣ.

**ТАҚАЛЛО** *а.* تقلا *кит.* кӯшиш, талош, саъй.

**ТАҚАЛЛУБ** *а.* تقلب *кит.* қаллобӣ,

сохтакорӣ.

**ТАҚАЛЛУБӢ** تقلبی тақаллубкорӣ, сохтакорӣ.

**ТАҚАЛЛУБКОР** تقلب‌کار қаллоб, сохтакор.

**ТАҚАЛЛУБКОРӢ** تقلب‌کاری сохтакорӣ.

**ТАҚАР** تقر **:тақар - туқур кардан** баланд садо додан; **тақар-тақари чархи ароба** садои ба санг бархӯрдани чархи ароба.

**ТАҚАРРОС** تقراس **:тақаррос задан** садои баланди ба ҳам бархӯрдани чисмҳои сахт (*мас. чархи ароба ба санг*) тақар-тақар кардан; *ниг.* **тақар-тақар**.

**ТАҚАРРУБ** *а.* تقرب наздик шудан, наздик омадан, наздикӣ; хешӣ; ◊ **тақарруб фармудан** иҷозати наздикӣ додан, наздик гардонидан.

**ТАҚАР-ТАҚАР** تقرتقر *калимаи тақлиди овозӣ* садои баланди ба ҳам бархӯрдани ҷисмҳои сахт.

**ТАҚАР-ТУҚУР** تقرتقور *ниг.* **тақар-тақар**.

**ТАҚВИМ** *а.* تقویم 1. ҳисоби рӯзу моҳҳо дар сол рост кардан. 2. солнома. 3. баҳо додан, нарх додан, қимат гузоштан.

**ТАҚВИЯ(Т)** *а.* تقویه//تقویت қувватдиҳӣ; дастгирӣ; **тақвият додан** қувватнок кардан; **тақвият ёфтан** қувватнок шудан; қувват гирифтан қувват додан; тасдиқ ва таъкид намудан.

**ТАҚВИЯТКУНАНДА** تقویت‌کننده қувватдиҳанда, қувваткунанда.

**ТАҚВО** *а.* تقوی //تقوا порсоӣ, парҳезгорӣ.

**ТАҚВОДОР** تقوادار порсо, мӯъмин, парҳезгор.

**ТАҚВОДОРӢ** تقواداری порсоӣ, парҳезгорӣ.

**ТАҚВОФУРӮШ** تقوافروش зоҳиднамо, он ки худро порсо метарошад; авомфиреб.

**ТАҚДИМ** *а.* تقدیم пешкаш кардан, ҳадя додан; пешкаш; **тақдим кардан (намудан)** пешкаш кардан.

**ТАҚДИР** I *а.* تقدیر сарнавишт; қисмат, насиба, қазо, қадар; **аз тақдирам** ҳар чӣ дар қисматам бошад (мебинам...); **бар тақдири...** дар мавриди..., дар сурати...; **бар тақдири гурехтан ҳам халосӣ набуд; тақдир медонад...** вобаста ба қисмату насиба аст; **ба дасти тақдир супурдан** ба қисмату сарнавишт ҳавола кардан (кореро); **ба тақдир тан додан** ба сарнавишт таслим шудан; **дар тақдир будан** ногузир будан; **тақдир доштан** он чи дар тақдир ба касе муқаррар шудааст, он чи дар қисмати касе ҳаст; насиб кардан. 2. оянда чизе.

**ТАҚДИР** II تقدیر қадршиносӣ; таҳсин, таъриф, эҳтиром; **тақдир кардан** қадрдонӣ кардан (*кору хизмати касеро*); таҳсин кардан.

**ТАҚДИРНОМА** تقدیرنامه коғазе, ки аз тарафи идорае дар бораи қадрдонӣ ва таҳсин аз хизмати касе дода мешавад.

**ТАҚДИРПАРАСТ** تقدیرپرست он ки ба тақдир бовар ва эътиқод дорад, он ки сарнавишту тақдирро марому асоси зиндагӣ медонад.

**ТАҚДИРПАРАСТӢ** تقدیرپرستی боварию эътиқод ба тақдир.

**ТАҚДИРСОЗ** تقدیرساز 1. сарнавиштсоз; *киноя аз* Худованд. 2. амал ё чорабиние, ки барои ҳал шудани масъалае нақши асосӣ дорад.

**ТАҚДИРҶУНБОН** تقدیرجنبان 1. *киноя аз* Худованд. 2. *маҷ.* боис, сабабгор.

**ТАҚДИС** *а.* تقدیس муқаддас шумурдан, ба покӣ нисбат додан, ба покӣ ёд кардан.

**ТАҚЛИД** *а.* تقلید 1. пайравӣ ба амалу рафтори касе (*бе мулоҳизаи некӣ ё бадии он*). 2. айнан такрор кардани рафтор ва тарзи гуфтори касе. 3. ба гардани касе гарданбанд андохтан. 4. касеро ӯҳдадор кардан.

**ТАҚЛИДГАР** تقلیدگر он ки дигареро пайравӣ мекунад.

**ТАҚЛИДГАРӢ** تقلیدگری тақлидкорӣ кардан.

**ТАҚЛИДӢ** تقلیدی *мансуб ба* **тақлид**; тақлидкорона, аз рӯи пайравии кӯркӯрона ба касе бе доштани истеъдоди ҳақиқӣ.

**ТАҚЛИДКОР** تقلیدکار он ки дар кору кирдор ва рафтор ба касе кӯр-кӯрона пайравӣ мекунад; тақлидкунанда.

**ТАҚЛИДКОРӢ** تقلیدکاری пайравӣ кардан.

**ТАҚЛИДКОРОНА** تقلیدکارانه пайравона, аз рӯи тақлидкорӣ.

**ТАҚЛИДКУНАНДА** تقلیدکننده *ниг.* **тақлидкор**.

**ТАҚЛИДНОПАЗИР** تقلیدناپذیر коре, ки онро айнан такрор кардан номумкин аст.

**ТАҚЛИДЧӢ** تقلیدچی *гуфт.* он ки кору рафтори касеро айнан нишон медиҳад; тақлидкори кору рафтори касе.

**ТАҚЛИЛ** *а.* تقلیل *кит.* кам кардан ё костани ягон чиз.

**ТАҚОБУЛ** *а.* تقابل *кит.* баробарӣ, баробар шудан.

**ТАҚОЗО** *а.* تقاضا хоҳиш, дархост; **бо тақозои...** бо талаби...; **тақозо кардан (намудан)** а) хоҳиш кардан; майл доштан ба коре; б) талаб кардан.

**ТАҚОЗОГАР** تقاضاگر он ки талаб мекунад, талабкунанда, хоҳанда.

**ТАҚОРУБ** I *а.* تقارب *кит.* ба ҳам наздик шудан, наздикӣ, қаробат; **тақоруб кардан** наздик шудан (*ба чизе*).

**ТАҚОРУБ** II *а.* تقارب *адш.* номи яке аз вазнҳои арӯз; *ниг.* **мутақориб**.

**ТАҚРИБ** *а.* تقریب 1. наздик гардонидан; наздик; **ба ин тақриб** ба ин тариқ, ба ин тарз, ба ин минвол. 2. восита, баҳона.

**ТАҚРИБАН** *а.* تقریباً тахминан, қариб ки..., қариби...

**ТАҚРИБӢ** تقریبی тахминӣ, тақрибан.

**ТАҚРИЗ** I *а.* تقریظ *кит.* 1. буридан, қатъ кардан. 2. *адш.* шеър гуфтан дар мадҳ ё мазаммати касе.

**ТАҚРИЗ** II *а.* تقریظ 1. баёни фикр дар бораи асаре, баҳо додан ба асаре. 2. мақолае, ки дар он дар бораи асаре фикр баён ёфтааст; **тақриз навиштан** дар бораи асаре изҳори

ақида кардан.

**ТАҚРИЗНАВИС** تقریظنویس он ки тақриз навиштааст; он ки оид ба асаре изҳори ақида кардааст, муқарриз.

**ТАҚРИР** *а.* تقریر *кит.* гуфтани муддао бо забон, баён, гуфтор, муқаррар кардан, тасдиқ кардан.

**ТАҚРИРАН** *а.* تقریراً шифоҳӣ, даҳанакӣ.

**ТАҚСИМ** *а.* تقسیم 1. ҷудо кардан ба қисмҳо, қисм-қисм кардани чизе. 2. яке аз чор амали арифметикӣ, ки тақсим кардани ададро нишон медиҳад; **тақсим кардан (намудан)** ҳисса намудан, ба қисмҳо ҷудо кардан; **тақсим шудан** ҷудо шудан, қисм-қисм шудан; **тақсими хотир** парешонхотирӣ.

**ТАҚСИМБАНДӢ** تقسیم‌بندی ба қисмҳо ҷудо намудан, гурӯҳбандӣ.

**ТАҚСИМГАР** تقسیم‌گر шахси тақсимкунанда.

**ТАҚСИМӢ** تقسیمی *ниг.* **тақсимча**.

**ТАҚСИМКУНАНДА** تقسیم‌کننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **тақсим кардан**; он ки ба қисмҳо ҷудо мекунад.

**ТАҚСИМНАШАВАНДА** تقسیم‌نشونده *сифати феълии замони ҳозира аз* **тақсим нашудан**; ададе, ки тақсим намешавад, тақсимнопазир.

**ТАҚСИМНОПАЗИР** تقسیم‌ناپذیر ададе, ки қобили тақсим нест.

**ТАҚСИМОТ** *а.* تقسیمات тақсим шудан; марзбандӣ: **тақсимоти миллии Осиёи Миёна**.

**ТАҚСИМЧА** تقسیمچه табақча.

**ТАҚСИМШАВАНДА** تقسیم‌شونده *сифати феълии замони ҳозира аз* **тақсим шудан**; он чи ба ҳиссаҳо тақсим карда мешавад; қобили тақсим; **адади тақсимшаванда** ададе, ки бояд ба ҳиссаҳо тақсим мегардад.

**ТАҚСИМШАВАНДАГӢ** تقسیم‌شوندگی ба гурӯҳҳо тақсимшаванда, тақсимпазир будан.

**ТАҚСИР** I *а.* تقصیر 1. *кит.* кӯтоҳӣ, сустӣ (*дар коре*). 2. хато, гуноҳ.

**ТАҚСИР** II تقصیر *гуфт. калимаи хитобӣ дар вақти муроҷиат ба соҳибмансабон ва муллоён гуфта мешавад*; *ба ин маънӣ* «тақсирам» *низ мегӯянд.*

**ТАҚСИРБИН** تقصیربین нуқсонбин, он ки камбудиву хатоҳоро мебинад.

**ТАҚСИРГӮӢ** تقصیرگوئی *маҷ.* тамаллуқкорӣ, хушомадгӯӣ.

**ТАҚ-ТАҚ** تق‌تق *тақлиди овози* садои кӯфта шудани дар; **тақ-тақ кардан** кӯфтан, задан (дарро;) **тақ -тақ шудан** зада шудани дар; **бе тақ-тақ** дарро нокӯфта, хабар надода (*даромадан ба хонае*).

**ТАҚТЕЪ** *а.* تقطیع *адш.* ҷудо кардани мисраи шеър ба рукнҳои арӯз; санҷидани вазни шеър, оҳанг.

**ТАҚТИР** I *а.* تقتیر сахтӣ кардан дар нафақа, хасисӣ дар хароҷот.

**ТАҚТИР** II *а.* تقطیر *кит.* 1. қатра-қатра чакондани моеот, соф кардан моеот бо софӣ. 2. ба воситаи бӯғронӣ соф кардани чизе.

**ТАЛ (Л)** I *а.* تل пушта, теппа, кӯҳи паст; **тали реги равон** хомаи рег дар регзорҳо.

**ТАЛ(Л)** II *а.* طل 1. шабнам. 2. борони реза.

**ТАЛА** I تله *кит.* дом, қапқон.

**ТАЛА** II تله *гуфт.* толон, тороҷ, ғорат; **тала кардан** ғорат (тороҷ) кардан; **тала шудан** ғорат шудан, ба тороҷ рафтан.

**талаб** طلب 1. *асоси замони ҳозира аз* **талабидан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* талбанда ва хоҳанда: **озодиталаб, ҳангоматалаб**…

**ТАЛАБ** *а.* طلب 1. пурсидаву хостани чизе; дархост, илтимос; **талаби** *касеро* **қабул кардан** хоҳишу дархости касеро қабул кардан. 2. ҷустуҷӯ, кофтуков. 3. маблағе, ки аз касе даъво карда мешавад, маблағе, ки қарздиҳанда аз қарздор металабад**; талаб кардан (намудан)** а) хостан; б) чизи додашударо гашта гирифтанӣ шудан. 4. эҳтиёҷи харидорон ба моле дар бозор. 5. кофтуков, ҷустуҷӯ.

**ТАЛАБА** *а.* طلبه 1. *ҷ.* **толиб**. 2. толиби илм, хонанда, шогирд.

**ТАЛАБАНДА** طلبنده пурсанда, талабкунанда (чизеро), талбанда.

**ТАЛАБГОР** طلب‌گار 1. хоҳон, хоҳанда; дархосткунанда. 2. хостгор; **талабгор баромадан** то-

либ шудан, хостан; **талабгор шудан** хостгор шудан.

**ТАЛАБИДАН** طلبیدن 1. пурсидан, хостан (*чизеро*). 2. талаб кардан; орзу намудан. 3. даъват кардан, ҷеғ задан. 4. хоҳиш кардан. 5. ҷустуҷӯ кардан, кофтан.

**ТАЛАБИДАНӢ** طلبیدنی пурсиданӣ.

**ТАЛАБКОРОНА** طلبکارانه муддаиёна; **талабкорона ба майдон даромадан**.

**ТАЛАБКУНАНДА** طلبکننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **талаб кардан**; дархосткунанда, хоҳишкунанда.

**ТАЛАБНОМА** طلبنامه санаде, ки аз касе чизе дархост карда мешавад.

**ТАЛАБОТ** *а.* طلبات *ҷ.* **талаб**.

**ТАЛАВВУН** *а.* تلون *кит.* рангоранг шудан; рангорангӣ; **талаввуни мизоҷ** тағйир ёфтани мизоҷ, ранг ба ранг шудан, бесуботӣ.

**ТАЛАҚҚӢ** *а.* تلقی қабул кардан, пазируфтан.

**ТАЛАТТУФ** *а.* تلطف *кит.* меҳрубонӣ, лутф, навозиш, дилнавозӣ.

**ТАЛАФ** *а.* تلف нобуд шудан, табоҳ шудан; нест шудан; **кишт аз беобӣ талаф шуд, талаф кардан** нобуд (нест) кардан; **талаф шудан (гардидан)** нобуд шудан, аз байн рафтан.

**ТАЛАФГОР//ТАЛАФКОР** تلفگار//تلفکار нобудкунанда, гум ва несткунанда.

**ТАЛАФКОРӢ** تلفکاری талафкор будан, хароҷот кардан.

**ТАЛАФОТ** *а.* تلفات *ҷ.* **талаф**; **талафоти зиёд** нобуд шудани чизи бисёр, кушта шудани одами бисёр; **талафот додан** кушта шудан, аз байн рафтан(-и одамон); **талафот расондан** *ба касе* нобуд (нест) кардан, зиён расондан ба касе.

**ТАЛАФФУЗ** تلفظ тарзи гапзанӣ, тарзи адои (гуфтани) калимаҳо; **талаффузи ҳоригӣ** *кит.* тарзи ифодаи (адои) калимаҳо мувофиқи қоидаи (таҷвиди) арабӣ.

**ТАЛАФШУДА** تلفشده нобудшуда.

**ТАЛБАНДА** طلبنده *гуфт., ниг.* **талабанда**.

**ТАЛБИДАН** طلبیدن *ниг.* **талабидан**.

**ТАЛБИС** *а.* تلبیس *кит.* 1. маккорӣ, фиребгарӣ, ҳилагарӣ; сохтакорӣ (*дар ҳуҷҷатҳои навишта*); **васиқаи талбис** ҳуҷҷати қалбакӣ, ҳуҷҷати сохта; **хати талбис** номаи сохта. 2. пӯшидан, либос пӯшидан.

**ТАЛБИСӢ** تلبیسی иблисӣ, маккорӣ, фиребгарӣ, ҷодугарӣ.

**ТАЛБИСКОР** تلبیسکار фиребгар, маккор.

**ТАЛБИСКОРӢ** تلبیسکاری маккорӣ, ҳилагарӣ, қаллобӣ; сохтакорӣ (*дар ҳуҷҷатҳо*).

**ТАЛБОН** طلبان маросими аввали меҳмон шудани арӯсу домод дар хонаи падару модари арӯс.

**ТАЛВЕҲ** *а.* تلویح ишора кардан, матлаберо бо ишора фаҳмондан, суханеро сарбаста гуфтан.

**ТАЛВИН** *а.* تلوین бо ранги дигар даровардан, гуногунранг кардан.

**ТАЛВОСА** تلواسه ноороми, беқарорӣ, изтироб; **талвосаи ҷон** ҷонканӣ; **ба талвоса афтодан** дар ташвиш мондан; **дар талвоса будан** дар ташвиш (ноором) будан; **талвоса доштан** беқарор (дар изтироб) будан; **талвоса кардан** беқарор (дар ҳолати изтироб) будан.

**ТАЛҚИН** *а.* تلقین ёд додан, омӯзиш; таъсиргузаронӣ ба рӯҳияи касе; андохтани фикре ба дили касе; **талқин кардан (намудан)** ёд додан, хуб фаҳмонда додан.

**ТАЛҚОН** تلقان 1. орде, ки аз майда кардани нон, меваҳои хушк тайёр карда мешавад. 2. орди дар равған бирёншуда. 3. хокаи тамоку); **талқони нони хушк; талқон шудан(-и чизе)** майда–майда шудан, орд шудан, ба гард мубаддал шудан; **кӯҳро талқон кардан** *маҷ.* а) кори сахтеро ба ҷо овардан; б) пурқувват будан.

**ТАЛЛОҒУ** تلاغو *гуфт.* ниҳоят талх; **заҳру таллоғу шавад** дуои бад, яъне ҳазм нашуда заҳр шавад.

**ТАЛЛОН** تلان бӯр (*ранги асп*).

**ТАЛМЕҲ** *а.* تلمیح 1. ишора, нигоҳи сабук ба сӯи чизе. 2. *адш.* ишора кардани шоир дар шеъри худ ба қисса ё масали маъруфе.

**ТАЛМУД** تلمود китоби муқаддаси яҳудиён.

**ТАЛОҚ** *а.* طلاق раҳонидани зан аз қайди никоҳ, ҷудо шудан аз зан, ҷудоӣ; **талоқи боин** *д.*

талоқе, ки аз рӯи шариат пас аз он баъд аз гузаштани муддати ду моҳ ба зани пештара баргаштан мумкин нест; **талоқи раҷъӣ** талоқе, ки дар муддати муайян баргаштан ба зани пештара бе никоҳ мумкин аст; **талоқ гирифтан** ҷудо шуда рафтани зан аз шавҳар; **талоқ кардан** талоқ додан, аз зан ҷудо шудан, бо қоидаи шариат занро сар додан; **хати талоқ** ҳуҷҷат дар бори ҷудо шудани зану шавҳар.

**ТАЛОҚАТ** *а.* طلاقت *кит.* хушбаёнӣ, суханварӣ, фасоҳати гуфтор, ҳунари нотиқӣ: **талоқати лисон** хушзабонӣ, фасоҳат.

**ТАЛОҚХАТ** طلاقخط *гуфт.* хати талоқ.

**ТАЛОН** I *фр.* تلان нисфи варақаи ҳуҷҷате, хатча ё варақае, ки ба ҷойи пул истифода мешавад, ки ба дасти кас дода шуда, нисфи дигараш дар идора мемонад.

**ТАЛОН** II تلان *ниг.* **толон**.

**ТАЛОТУМ** *а.* تلاطم 1. ба ҳам задани мавҷҳои баҳр. 2. *маҷ.* шӯру ғавғо, мағал; **талотум задан** ба ҳам задани амвоҷи дарё; **ба талотум даромадан** ба мавҷзанӣ сар кардани оби баҳр; **талотум кардан** мавҷ задан.

**ТАЛОТУФ** *т.* تلاتوف 1. шӯру ғавғо, мағал. 2. он ки худро чиркин нигоҳ дорад, касиф.

**ТАЛОТӮБ** *т.* تلاتوب *гуфт.* ғавғо, мағал, тӯпаланг; **талотӯб кардан** ғавғо (тӯпаланг) кардан, талотуф.

**ТАЛОФӢ** *а.* تلافی *кит.* пур шудани ҷои чизи талафшуда, ҷуброн, товон, иваз, қусур; **талофӣ кардан** ҷуброн кардан, қусури чизи аз- дастрафтаро баровардан.

**ТАЛОШ** تلاش 1. саъю кӯшиш; ҷидду ҷаҳд, ҷадал; тараддуд. 2. даст ба гиребон шудани ду ё чанд кас, кашмакаш, кашокаш; **талоши маош** мубориза барои зиндагӣ; **талоши ҳаёт** ташвиши (кашмакаши) зиндагӣ; **дар талош афтодан** ба кашмакаш даромадан, кашокаш кардан; **талош доштан** ҷадал кардан, мунозира доштан; **талош кардан** кашмакаш (ҷадал) кардан.

**ТАЛОШИДАН** تلاشیدن *кит.* ҷустуҷӯ кардан, кофтан; паҳну парешон кардан, пошидан.

**ТАЛОШӢ** تلاشی 1. нестӣ, нобудӣ. 2. паҳну парешон кардан.

**ТАЛОЯ** *а.* طلایه гурӯҳи пешгарди лашкар; аскароне, ки вақти шаб лашкарро посбонӣ мекунанд.

**ТАЛОЯГӢ** طلایگی дар талоя будан, пешгарди лашкар будан, посбонии шабонаи лашкар.

**ТАЛХ** تلخ 1. он чи мазаи тунду тез дорад; *муқоб.* **ширин**. 2. ногувор, сахт (сухан); **талх шудани зиндагӣ** мушкил шудани зиндагӣ; **ҷавоби талх** ҷавоби сахтрасанда; **талх гуфтан** сухани дурушту ногувор гуфтан; **авқот талх намудан** димоғи касеро сӯзондан.

**ТАЛХА** I تلخه 1. моеи зарди сабзинатоби талх, ки аз ҷигари одам ҷудо шуда меистад; сафро, захра. 2. халтачае, ки ин моеъ дар даруни он ҷамъ мешавад, заҳрадон; ◊ **талха кафидан** тарсидан, сахт ба тарс афтодан, заҳракаф шудан.

**ТАЛХА** II تلخه *бот.* алафи бисёр талх, ки ба димоғи кас расад, талхиаш ба зудӣ намеравад, талхак; **талха чашидан** талхком шудан, ба сахтию душворӣ мондан.

**ТАЛХАДОН** تلخه‌دان заҳрадон.

**ТАЛХАК** تلخک *ниг.* **талха** II.

**ТАЛХАКАФ** تلخه‌کف **:талхакаф шудан** сахт тарсидан.

**ТАЛХГУФТОР** تلخ‌گفتار *ниг.* **талхсухан**.

**ТАЛХГУФТОРӢ** تلخ‌گفتاری *ниг.* **талхсуханӣ**.

**ТАЛХГӮӢ** تلخ‌گوئی гуфтани гапҳои талх, нешзабонӣ, бадзабонӣ.

**ТАЛХГӮЙ** تلخ‌گوی он ки сухани нешдор мегӯяд, бадзабон.

**ТАЛХЗАБОН** تلخ‌زبان он ки гапҳои дурушту нофорам мегӯяд, бадзабон.

**ТАЛХЗАБОНӢ** تلخ‌زبانی гуфтани гапҳои дурушти нешдор, бадзабонӣ.

**ТАЛХИПИСАНД** تلخی‌پسند *кит.* он ки сахтиву ногувориро қабул мекунад ва аз он гила намекунад; тобовар, пазирандаи сахтиву мушкилӣ.

**ТАЛХИС** *а.* تلخیص гузориши кӯтоҳ, мухтасар, хулоса, ихтисора.

**ТАЛХӢ** تلخی 1. бадмазагӣ, мазаи талху ногувор: **дар даҳон талхӣ ҳис кардан**. 2. сахтӣ, ногуворӣ, душворӣ; *муқоб.* **хушӣ: талхии**

**рӯзгор, талхии танҳоӣ, талхии ятимӣ; талхию ширинии зиндагиро чашидан** гармию сардии ҳаётро аз сар гузарондан, неку бади зиндагиро дидан; **талхии ком** ногувории аҳвол, димоғсӯхтагӣ.

**ТАЛХКАШ** تلخکش *кит.* он ки ба азобу машаққат тоб меорад.

**ТАЛХКОМ** تلخکام он ки зиндагониаш сахт мегузарад; он ки ба матлабу орзуяш нарасидааст.

**ТАЛХКОМӢ** تلخکامی маъюсӣ, нарасидан ба орзуи худ.

**ТАЛХМАЗА** تلخمزه 1. мазаи талх доштан. 2. *маҷ.* нофорам.

**ТАЛХМИЗОҶ** تلخمزاج дорои мизоҷи талх.

**ТАЛХНАМО** تلخنما каме талх, қариб талх: **оби талхнамо**.

**ТАЛХОБ** تلخآب сафро, зардоб.

**ТАЛХОБА** تلخآبه 1. *ниг.* **талхоб**. 2. *маҷ.* май.

**ТАЛХСИРИШТ** تلخسرشت он ки тинати бад дорад, бадасл, бадгуҳар, бадхӯ.

**ТАЛХСУХАН** تلخسخن он ки суханони баду нофорам мегӯяд, бадсухан, бадгап, дурушт-сухан.

**ТАЛХСУХАНӢ** تلخسخنی бадгапӣ, дурушт-суханӣ, талхгӯӣ, талхгуфторӣ.

**ТАЛХФОМ** تلخفام *кит.* тираранг, хираранг, нософ.

**ТАЛЧА** تلچه теппаи хурд.

**ТАЛЪАТ** *а.* طلعت рӯй, чеҳра, симо, дидор; **талъати ғарро** чеҳраи зебо, симои хуб.

**ТАМАВВУЛ** *а.* تمول *кит.* молдорӣ, давлатмандӣ.

**ТАМАДДУН** *а.* تمدن 1. шаҳрнишин шудан. 2. доро шудан ба илму фанни замонӣ; маданияти бузург.

**ТАМАЙЮЗ** *а.* تميز фарқ пайдо кардан; фарқ доштан.

**ТАМАЛЛУК** *а.* تملک молик шудан, зӯран аз они худ кардан, тасарруф кардан.

**ТАМАЛЛУҚ** *а.* تملق хушомадгӯӣ, лаганбардорӣ, чоплусӣ; ҳурмати риёӣ; **тамалуқ кардан** хушомад кардан.

**ТАМАЛЛУҚГӮ(Й)** تملق گو (ی) он ки тамаллуқ мегӯяд, чоплус, хушомадгӯй, лаганбардор.

**ТАМАЛЛУҚГӮИ** تملق گوئی хушомадгӯӣ, чарбзабонӣ.

**ТАМАЛЛУҚКОР** تملقکار лаганбардор, хушомадгӯй.

**ТАМАЛЛУҚКОРӢ** تملقکاری лаганбардорӣ, хушомадгӯӣ.

**ТАМАЛЛУҚКОРОНА** تملقکارانه хушомадгӯёна, аз рӯи тамаллуқ ва риё.

**ТАМАЛЛУҚОМЕЗ** تملقآمیز тамаллуқдор; хушомадгӯёна; **сухани тамаллуқомез.**

**ТАМАЛЛУҚПЕША** تملقپیشه хушомадгӯй, он ки кораш тамаллуқ аст.

**ТАМАННО** *а.* تمنا//تمنی 1. орзу, ҳавас, умед, хоҳиш. 2. *гуфт.* ноз, карашма, ишва; **бо таманною ғурур** бо нозу карашма, бо такаббур; **таманно доштан** хоҳишманд будан, илтимос кардан; **таманнои** *касе ё чизе* **бар сар кардан** орзуи касеро ё чизеро кардан, орзуи чизеро ба дил парвардан; **таманно кардан** ноз (карашма) кардан.

**ТАМАРКУЗ** *а.* تمرکز *кит.* марказият додан, марказонидан, ба як марказ ҷамъ овардан.

**ТАМАСХУР** *а.* تمسخر масхара кардан; ришханд задан; масхара, ришханд; **бо чашми тамасхур нигоҳ кардан** беэътиноёна (ришхандомез) нигаристан ба чизе ё касе; **тамасхур кардан** масхара кардан.

**ТАМАСХУРОМЕЗ** تمسخرآمیز масхараомез, бо тамасхур, бо ришханд.

**ТАМАТТӮЪ** *а.* تمتع *кит.* баҳравар шудан, манфиат бурдан, фоида, баҳра.

**ТАМАЪ** *а.* طمع бо ҳирс чашм дӯхтан ба чизе; умеди чизе аз касе доштан аз рӯи ҳирс; **тамаъ бурдан** аз касе ба чизе чашм доштан; **тамаъ доштан** умедвори чизе будан; **тамаъ кардан** умед кардан; чашмдор будан; **чашми тамаъ дӯхтан** *ба касе ё чизе*; *ниг.* **тамаъ доштан**.

**ТАМАЪВАРЗӢ** طمعورزی чашмтангӣ, гуруснагӣ, тамаъкорӣ, тамаъварз будан.

**ТАМАЪДОР** طمعدار шахсе, ки тамаъ дорад, он

ки аз рӯи ҳирсу тамаъ ба чизе ё касе менигарад.

**ТАМАЪКОР** طمع‌کار ҳарис, ҳорис, озманд.

**ТАМАЪКОРӢ** طمع‌کاری ҳарисӣ, озмандӣ.

**ТАМАЪКОРОНА** طمع‌کارانه аз рӯи тамаъ (ҳирс), бо ҳирсу оз.

**ТАМАЪҶӮ(Й)** (طمع‌جو(ی он ки аз паи тамаъ мегардад.

**ТАМАЪҶӮӢ** طمع‌جوئی озмандӣ, ҳарисӣ.

**ТАМБА** تمبه *ниг.* **танба**.

**ТАМБАЛ** تمبل *ниг.* **танбал**.

**ТАМБАЛӢ** تمبلی *ниг.* **танбалӣ**.

**ТАМБАЛОНА** تمبلانه *ниг.* **танбалона**.

**ТАМБУР** *ф.* تمبور *р.оҳ.* айвончаи пешидарӣ дар даромадгоҳи вагонҳои мусофирбар.

**ТАМҒА//ТАМҒО** *т.* تمغه//تمغا мӯҳре, ки ба ҳайвонот ва тойҳои ҳар гуна мол мезананд; нишон, аломат; **тамға задан** мӯҳр (аломати махсус) задан ба чизе.

**ТАМҒО** *т.* تمغا *ниг.* **тамға**.

**ТАМДЕҲ** *а.* تمدیح *кит.* мадҳ кардан касеро, ситоиш, таъриф.

**ТАМДИД** تمدید дароз кардани муддат ва мӯҳлат.

**ТАМИЗ** *а.* تمیز бартарӣ додан чизеро бар чизе, фарқ карда тавонистан нағзро аз бад; **тамиз додан** фарқ кардан, ташхис додан; **тамиз доштан** фарқ карда тавонистан (*нағзро аз бад*); **арбоби хирад ва тамиз** аҳли оқил ва фарққунандаи нек аз бад.

**ТАМЙИЗ** *а.* تمییز солимфикрӣ, покизагӣ, ақлу ҳуш.

**ТАМКИН** *а.* تمکین 1. виқор, вазнинӣ, нигоҳ доштани қадру иззати худ ва дигарон; **бо камоли тамкин** бо виқор ва вазнинии тамом; **сабру тамкин** тоқат ва вазнинӣ (*дар муомила ва рафтор бо касон*); **тамкин карда истодан** худдорӣ карда истодан. 2. ҷо додан, побарҷо кардан.

**ТАМЛИК** *а.* تملیک *кит.* 1. молик (соҳиб) гардонидан *касеро* ба мулке. 2. мулки касе; **тамлики** *касе* **шудан** ба мулкияти касе даромадани чизе.

**ТАММОЪ** *а.* طماع пуртамаъ, тамаъкор, тамаъкунанда.

**ТАМОИЛ** *а.* تمایل *ниг.* **тамоюл**.

**ТАМОКУ** تماکو барги гиёҳи тамоку, ки онро хушк карда бурида мекашанд (*дар чилим ё ба когаз печонда*); **тамокуи духтарпеч** навъи аълои чилимтамокуи ҷойдорӣ; **тамокуро партофтан** тамокукаширо бас кардан.

**ТАМОКУДОН** تماکودان қуттӣ ё халтачаи махсус барои нигоҳ доштани тамоку.

**ТАМОКУЗОР** تماکوزار ҷойе, ки тамоку мешинонанд.

**ТАМОКУКАШ** تماکوکش он ки папирос ё чилим мекашад.

**ТАМОКУКАШӢ** تماکوکشی сигоркашӣ, чилимкашӣ.

**ТАМОКУКОР** تماکوکار парварандаи тамоку, коранда ва нигоҳубинкунандаи тамоку.

**ТАМОКУКОРӢ** تماکوکاری кишту кори тамоку, шинондани тамоку.

**ТАМОКУҚУТТӢ** تماکوقطی *ниг.* **тамокудон**.

**ТАМОКУПАРВАР** تماکوپرور он ки ба парвариши тамоку машғул аст, шахсе, ки тамоку мекорад.

**ТАМОКУПАРВАРӢ** تماکوپروری парваридани тамоку, тамокупарвар будан.

**ТАМОКУФУРӮШӢ** تماکوفروشی ҷое, ки дар он ҳар гуна тамоку ва маснуоти он фурӯхта мешавад.

**ТАМОКУХАЛТА** تماکوخلته *ниг.* **тамокудон**.

**ТАМОЛУК** *а.* تمالک худро дошта тавонистан, ба нафси худ молик будан.

**ТАМОМ** *а.* تمام 1. ҳама, ҳамагӣ, пурра, комил, саросар. 2. пурра, комил; **бо суръати тамом**, **бо ҳозирии тамом**, **баъд аз тамом сер шудани шикамаш**. 3. басанда, кофӣ. 4. ба поён расидани чизе, оқибат, анҷом, интиҳо; **тамом кардан** а) ба охир расонидан, буд кардан (*кореро*); б) хатм кардан (*мактабро*); **тамом шудан** а) ба итмом (ба охир) расидан; б) *маҷ.* мурдан.

**ТАМОМАН** *а.* تماماً пурра, комилан.

**ТАМОМИЯТ** *а.* تمامیت пуррагӣ, комилӣ, му-

каммалӣ: **тамомияти арзӣ**.

**ТАМОМӢ** تمامی пуррагӣ, ҳамагӣ.

**ТАМОМКУНАНДА** تمام‌کننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **тамом кардан**; хатмкунанда (*мактаберо*).

**ТАМОМНАШАВАНДА** تمام‌نشونده бардавом, итмомнашаванда.

**ТАМОМНАШУДАНӢ** تمام‌نشدنی ба охир нарасиданӣ.

**ТАМОМРУХ** تمام‌رخ *маҷ*. зебо, хушрӯй.

**ТАМОМТАЪРИХ** *а.* تمام‌تأریخ *кӯҳн*. қасидае, ки аз ҳар байташ таърихи матлуб мебарояд.

**ТАМОМШУДА** تمام‌شده ба охир расида,

**ТАМОМШУДАНӢ** تمام‌شدنی он чи ки ба охир мерасад.

**ТАМОМИЁР** *а.* تمام‌عیار комил, пурарзиш, холис.

**ТАМОРУЗ** تماروض *кит*. худро бардурӯғ ба беморӣ задани одами солим, беморангорӣ.

**ТАМОС** *а.* تماس наздикӣ, пайвастагӣ; алоқа: **нуқтаи тамос**, **тамос гирифтан**, **дар тамос будан**.

**ТАМОСУК** *а.* تماسک 1. худдорӣ, хештандорӣ. 2. *маҷ*. сабру таҳаммул.

**ТАМОШО** *а.* تماشا 1. дидани чизе, назар кардан ба ягон чизи аҷиб: **тамошои идгоҳ**. 2. сайр, гашт, саргарми сайру гашт, ҷаҳон-гардӣ; **тамошо додан** нишон додан, ҷоеро сайр кунондан, намоиш додан; **тамошо доштан** тамошобоб будан, диданбоб будан; **тамошо кардан** дидан, сайр кардан, нигоҳ кардан, аз назар гузарондан; **тӯю тамошо** ҷашну хурсандӣ.

**ТАМОШОБИН** تماشابین он ки маърака, бозӣ ё мусобиқаеро тамошо мекунад; **тамошобин шудан** аз дур воқеаеро нигаристан.

**ТАМОШОБИНӢ** تماشابینی амали тамошобин, тамошо кардан.

**ТАМОШОБОБ** تماشاباب он чи кирои дидан мекунад, диданӣ: **чизи тамошобоб**.

**ТАМОШОГАР** تماشاگر он ки ба ҳодисае аз дур нигоҳ мекунад, бинанда, тамошобин.

**ТАМОШОГАРӢ** تماشاگری амали тамошогар, ба тамошо машғул будан, тамошо кардан.

**ТАМОШОГАҲ//ТАМОШОГОҲ** تماشاگه// تماشاگاه ҷойи тамошо, ҷойе, ки чизе намоиш дода мешавад.

**ТАМОШОДӮСТ** تماشادوست он ки сайру гашт ва дидани чизҳои аҷиброро дӯст медорад.

**ТАМОШОӢ** تماشائی аҳли тамошо, тамошокунанда.

**ТАМОШОКАДА** تماشاکده *кит., ниг.* **тамошогоҳ**.

**ТАМОШОКАДУ** تماشاکدو 1. кадуи гирдаи паҳн. 2. ҳар чизи боиси тамошо.

**ТАМОШОКУН** تماشاکن *ниг.* **тамошогар**.

**ТАМОШОКУНОН** تماشاکنان дар ҳоли тамошо, дар ҳоли нигаристан ба манзарае.

**ТАМОШОТАЛАБ** تماشاطلب *ниг.* **тамошодӯст**.

**ТАМОШОХОНА** تماشاخانه ҷое, ки дар он бозие намоиш дода мешавад; театр.

**ТАМОЮЛ** *а.* تمایل моил шудан, майл, майлон, изҳори майл ва рағбат.

**ТАМОЮЛОТ** *а.* تمایلات *ҷ.* **тамоюл**.

**ТАМР** I *а.* تمر хурмо; **тамри ҳиндӣ** меваи туршест дар Ҳиндустон, ки мазаи моил ба ширинӣ дорад.

**ТАМР** II **//ТИМР** تمر *тиб*. бемории чашм, ки ба кӯрӣ сабаб мешавад ва онро оби марворид ҳам мегӯянд.

**ТАМРИН** *а.* تمرین *кит.* машқ карда худро одат кунонидан ба коре; машқ, варзиш.

**ТАМС** *а.* طمث 1. хуни ҳайз, ҳайз дидани занон. 2. рим, чирку фасод.

**ТАМСИЛ** *а.* تمثیل 1. мисол овардан, монанд кардан. 2. *адш.* достонеро чун масал нақл кардан; номи жанри адабӣ.

**ТАМСИЛӢ** تمثیلی *мансуб ба* **тамсил**: **ҳикояти тамсилӣ.**

**ТАМТАМӢ** تمتمی *кит.* сатангӣ, худро бологирӣ, кибру таманно.

**ТАМУЗ** تموز 1. *таър*. моҳи даҳуми суриёнӣ, ки ба моҳи июл рост меояд. 2. аввали тобистон, саратон. 3. рӯзҳои бисёр гарм, гармои сахт.

**ТАМУК** تموک *кит.* 1. нишонаи тир, ҳадаф. 2. як навъ тири нӯгпаҳн, ки аз тан ба осонӣ

намебарояд. 3. *мач*. ҳар чизи фурӯраванда ба чизе, ки бароварданаш душвор аст.

**ТАМҲИД** *а.* تمهید *кит.* 1. густурдан, ҳамвор кардан. 2. фароҳам кардан, омода кардан; муҳодима. 3. суханҳое, ки пеш аз баёни матлабе чун муқаддима гуфта мешавад; муқаддима; **тамҳиди муқаддимот** тайёр кардани замина барои иҷрои коре.

**ТАМҶИД** *а.* تمجید *кит.* мадҳ, ситоиш, таъриф; **тамҷид кардан** мадҳ кардан, ситудан.

**ТАМЪ** *а.* طمع *ниг.* **тамаъ**.

**ТАН** I تن 1. бадан, ҷисм (*гайр аз дасту по ва сар*). 2. кас, шахс, нафар; **тани ба курта** бо як пероҳан, бо як курта: **тан ба тан** (ҷанг ва мубориза) якка ба якка, яке ба муқобили дигаре; **тани танҳо** якка, ба танҳоӣ; **тану ҷон** ҷисм ва рӯҳ; **маҳрами тан** зан; **тан додан** а) ҷон додан, худро фидо кардан; б) розӣ шудан; таслим шудан; қоил шудан; **тан додан ба тақдир** розӣ (таслим) шудан ба пешомадҳо; **тан гирифтан** ба ҳисоби худ қабул кардан, ба гардан гирифтан; **тан гирондан** ба гардани касе мондан; **тан додан** розӣ шудан, таслим шудан; **тан дардодан** розӣ шудан ба сахтиҳо; **тан обод будан** аз сару либос таъмин будан, либоси кофӣ доштан; **тани пӯшида** сару либоси зарурӣ доштан, бараҳна набудан; **аз тан кашидан** либосеро баровардан; **ҳама тан гӯш гардидан** бо диққати тамом гӯш кардан (*ба сухани касе*); **як тан шудан, як тану як ҷон шудан** муттафиқ шудан, бо иттифоқ кор кардан.

**ТАН** II تن қисмати аслӣ, нархи аслӣ; **тани пул** маблағи аслии пул; **тани харид** маблағи аслӣ вақти харид; **тани мо** ба ҳисоби мо, ба мо қабул.

**ТАНА** I تنه 1. бадан, ҷасад (*ҷасади одам баъд аз мурдан*). 2. бадани (пояи) дарахт (*аз рӯи замин то ҷои рӯиши шохаҳо*); **танаи кӯҳ** баданаи кӯҳ.

**ТАНА** II تنه **:танаи анкабӯт** танидаи тортанак, тори тортанак.

**ТАНАБАСТА** تنه‌بسته он ки ё он чи тана баста бошад.

**ТАНАВВӮЪ** *а.* تنوع гуногунӣ, ҳархелагӣ.

**ТАНАВОР** تنه‌وار чарм барои пойафзолдӯзӣ.

**ТАНАЗЗУЛ** *а.* تنزل поин омадан; пастравӣ; *муқоб.* **тараққӣ; таназзул кардан** фуромадан, поин омадан.

**ТАНАКОР** تنه‌کار 1. *мин.* намаки натрии кислотаи борӣ, ки барои кафшери оҳан ба кор меравад; бура. 2. миёнрав, миёнҷӣ.

**ТАНАФФУР** *а.* تنفر 1. нафрат, доштан, безор будан, нафрат, кароҳат; **танаффур кардан** нафрат кардан. 2. рамидан.

**ТАНАФФУРОМЕЗ** تنفرآمیز нафратнок; **нигоҳи танаффуромез**.

**ТАНАФФУС** *а.* تنفس 1. нафас кашидан, нафасгирӣ. 2. дамгирӣ, фосила (*байни дарсҳо, дар вақти маҷлисҳо*); **ба танаффус баромадан.**

**ТАНАУМ** *а.* تنعم парвариш ёфтан бо нозу неъмат; таносоӣ.

**ТАНБА** تنبه 1. чизест барои маҳкам нигоҳ доштан, ки аз қафои чизе мегузоштанд, тиргак; **танба мондан** тиргак гузоштан (*мас. ба пушти дар*). 2. дар як ҷо тӯб шудани чизи (одами) зиёде.

**ТАНБАЛ** تنبل он ки кор кардан намехоҳад, танпарвар, коҳил, коргурез, бекорхоб.

**ТАНБАЛӢ** تنبلی коҳилӣ, бемайлӣ ба кор; танпарварӣ; **танбалӣ кардан** ба коре коҳилона рафтор кардан, кардани кореро нахостан.

**ТАНБАЛОНА** تنبلانه коҳилона; оҳиста, бемайлона.

**ТАНБАРАҲНА** تن‌برهنه 1. луч, бараҳна. 2. *маҷ.* **камбағал**.

**ТАНБЕҲ** *а.* تنبیه 1. огоҳӣ, сарзаниш, огоҳонидан, ҳушдор додан. 2. огоҳонидан ба воситаи ҷазодиҳӣ, ҷазо; **танбеҳ кардан (намудан)** а) огоҳ кардан; б) гӯшмол (ҷазо) додан; **танбеҳ дидан** ҷазо дидан, ба ҷазо гирифтор шудан; **танбеҳ додан** ҷазо додан.

**ТАНБЕҲДИҲӢ** تنبیه‌دهی *исми амал аз* **танбеҳ додан**; огоҳ намудан, ҷазо додан.

**ТАНБЕҲКОРОНА** تنبیه‌کارانه ба таври огоҳона ҷазо додан.

**ТАНБОКУ** تنباکو *ниг.* **тамоку**.

**ТАБОН** تبان *ниг.* **тунбон**.

**ТАНБӮР** تنبور *мус.* яке аз олатҳои мусиқии торӣ, ки дастаи дарозу косаи хурд дорад; ◊ **шикам танбӯр навохтан** сахт гурусна будан.

**ТАНБӮРӢ** تنبوری танбӯрнавоз.

**ТАНБӮРНАВОЗ** تنبورنواز он ки танбӯр менавозад; танбӯрӣ.

**ТАНБӮРНАВОЗӢ** تنبورنوازی амали танбӯрнавоз, навохтани танбӯр.

**ТАНВИР** *а.* تنویر *кит.* равшан кардан, мунаввар гардонидан; **танвири афкор** бедор кардани фикрҳо.

**ТАНВИРГАР** تنویرگر равшанидиҳанда, нурпош, нурдиҳанда.

**ТАНВИРӢ** تنویری *марбут ба* **танвир**, равшан, бедорӣ.

**ТАНГ** I تنگ 1. ҷои камғунҷоиш. *муқоб* **васеъ**; **майдони танг, хонаи танг**. 2. камбар; *муқоб.* **кушод**: **кафши танг, кӯчаи танг; тангу тор** камбару торик; **чашми танг** а) чашми майдаи борик; б) чашми носер; **танг будан** а) камғунҷоиш будан; камбар будан; б) ба сахтӣ гузаштан (-и рӯзгор); **танг кардан** а) дар вазъияти сахти ноилоҷона монондан; б) безор кардан; ◊ **дилатро танг накун!** хафа нашав!, ғам нахӯр!; **ба танг овардан** безор кардан; ба вазъияти сахт монондан; **ба танг омадан** безор шудан; **танг шудани аҳвол** сахт (тоқатфарсо) шудан; **танг шудани дил** дилгир ва хафа будан; **танг шудани майдон** кам шудани имконият; **танг шудани нафас** дучор будан ба бемории зиққи нафас, нафастангӣ; **танг шудан** пайдо шудани тақозои қазои ҳоҷат; **танг будани қофия** а) ёфт нашудани қофия; б) *маҷ.* чӣ гуфтани худро надониста мондан, дар ҷавоб дармондан; **танг дар бағал гирифтан** сахт оғӯш кардан.

**ТАНГ** II تنگ 1. дараи кӯҳ, роҳи миёни ду кӯҳ (тангно). 2. *маҷ.* сахт, маҳкам, зич.

**ТАНГ** III تنگ 1. аили асп, аили рӯй, ки аз болои аили зер кашида мешавад; пуштанг. 2. **Танги Лӯшо** китоби Лӯшо ном наққоши машҳури румӣ, ки онро бо Аржанг (Артанг) ном китоби Монӣ баробар мекунанд.

**ТАНГА** I تنگه пули майдаи филизӣ; **бист танга** баробар ба се сӯм; **тангаи бухорӣ** пули филизии зарби Бухорои амирӣ; **дари тангаро кӯфтан** *маҷ.* барои пул худро ба ҳар сӯ задан.

**ТАНГА** II تنگه гулӯгоҳ.

**ТАНГА** III تنگه **тангаи буғро** оши ришта, оши лағмон; ◊ **тангаашро наметавон хурд кард** (*зарб.*) дар бораи одами тавоною боқувват гуфта мешавад.

**ТАНГАДОН** تنگه‌دان қабати махсус барои андохтани танга дар ҳамёнҳои аз матоъ дӯхтаи қадима.

**ТАНГАЙШ** تنگ‌عیش фақир, нодор, мӯҳтоҷ.

**ТАНГАЙШӢ** تنگ‌عیشی фақирӣ, нодорӣ, мӯҳтоҷӣ.

**ТАНГБАХТӢ** تنگ‌بختی бадбахтӣ, сахтӣ, тиҳидастӣ.

**ТАНГБАСТА** تنگ‌بسته бисёр сахтбастагии чизе: **миёни тангбаст**.

**ТАНГБАҲР** تنگ‌بهر *кит.* камфоида, камсуд, моле, ки фоидаи кам меорад.

**ТАНГДАР** تنگ‌در хонае, ки дари даромадаш камбари хурд бошад.

**ТАНГДАРЗ** تنگ‌درز либосе, ки ба дарзи зичу танг дӯхта шудааст.

**ТАНГДАРЗӢ** تنگ‌درزی пайваста будани дарзҳои либос, пайвастагии зичи дарзҳо дар либосдӯзӣ.

**ТАНГДАСТ** تنگ‌دست фақир, қашшоқ, бечиз, камбағал.

**ТАНГДАСТӢ** تنگ‌دستی фақирӣ, нодорӣ, эҳтиёҷмандӣ; **тангдастӣ кашидан** дар эҳтиёҷ будан, дар сахтӣ рӯз гузаронидан.

**ТАНГДАҲАН** تنگ‌دهن 1. он ки даҳани хурд дорад; *киноя аз* лабу даҳони маҳбуба. 2. *маҷ.* маҳбуба, маъшуқа.

**ТАНГДИЛ** تنگ‌دل андӯҳгин, хафа, зиқ.

**ТАНГДИЛӢ** تنگ‌دلی хафагӣ, дилтангӣ, андӯҳгинӣ, ғамгинӣ.

**ТАНГЗАҲРА** تنگ‌زهره тарсӯ, тарсончак, буздил, тарсанда.

**ТАНГЗАРФ** تنگ‌ظرف *киноя аз* одами бетоқат, ки худро дошта наметавонад ва беқарорӣ мекунанд.

**ТАНГӢ** تنگی 1. камвусъатӣ, камбарӣ. 2. сахтӣ,

душворӣ; **тангии вақт** камфурсатӣ; **тангӣ кардан** ба зӯр ғунҷонидан, ғунҷоиш надоштан, ҳамаро нағунҷонидан; **дили** *касе* **тангӣ кардан** дилгир (зиқ) будани касе; **тангӣ кашидан** дар эҳтиёҷ будан, ба сахтӣ рӯз гузаронидан; **ба тангӣ афтодан** дар сахтӣ мондан, ба аҳволи сахт афтодан.

**ТАНГКӮЧА** تنگ‌کوچه кӯчаи танги камбар.

**ТАНГҚАБО** تنگ‌قبا 1. он ки либоси танг пӯшидааст; 2. *маҷ.* маъшуқ.

**ТАНГМАҒЗ** تنگ‌مغز сабукмағз, камақл.

**ТАНГМАЙДОН** تنگ‌میدان 1. майдони танг ва маҳдуд. 2. *маҷ.* оҷиз, суст ва камтаъсир; ◊ **тангмайдон будан** маҳдуд будан дар коре, соҳаи васеъ ва паҳновар надоштан.

**ТАНГМАОШ** تنگ‌معاش он ки маоши ночиз мегирад, тиҳидаст, фақир, бенаво.

**ТАНГМИЗОҶ** تنگ‌مزاج гармміҷоз; зудхашм.

**ТАНГМОЯ** تنگ‌مایه он ки сармояи молӣ ё фикрии маҳдуд дорад.

**ТАНГНАЗАР** تنگ‌نظر он ки доираи дониш ва бинишаш танг ва маҳдуд бошад.

**ТАНГНАЗАРӢ** تنگ‌نظری вазъу ҳолати тангназар, тангназар будан.

**ТАНГНАЗАРОНА** تنگ‌نظرانه бо ҳолати тангназарӣ.

**ТАНГНАФАС** تنگ‌نفس он ки расо нафас гирифта наметавонад, калтанафас, тангии нафас.

**ТАНГНО(Й)** تنگ‌نا(ی) 1. гузаргоҳи ниҳоят танги байни ду кӯҳ, дараи танг. 2. *маҷ.* сахтӣ, душвориҳои зиёди зиндагонӣ: **тангнои зиндагӣ**.

**ТАНГОҒӮШӢ** تنگ‌آغوشی сахт ба оғӯш гирифтани ҳамдигар; сахт ба ҳам печидан.

**ТАНГОСТИН** تنگ‌آستین 1. он ки остинаш танг аст. 2. *маҷ.* часпида, зич.

**ТАНГОТАНГ** تنگاتنگ *гуфт.* бисёр сахт ва зич бо ҳам печидан, бисёр наздик.

**ТАНГПЕШОНӢ** تنگ‌پیشانی 1. пешонии танг. 2. *маҷ.* бахти бад доштан, камбахт, беризқу рӯзӣ.

**ТАНГРАВ** تنگ‌رو он ки оҳиста роҳ меравад, сустрав; *муқоб.* тундрав.

**ТАНГРӮЗӢ** تنگ‌روزی бечиз, фақир, мискин, дармонда, тангпешонӣ.

**ТАНГСОЛ** تنگ‌سال соли қаҳтӣ, хушксолӣ.

**ТАНГСОЛӢ** تنگ‌سالی қаҳтӣ, хушксолӣ; соли гаронии озуқа.

**ТАНГ-ТАНГ** تنگ‌تنگ **:танг-танг қадам мондан** кӯтоҳ-кӯтоҳ қадам партофтан.

**ТАНГТОБ** تنگ‌تاب *кит.* бесабру тоқат, зудхашм.

**ТАНГУТОР** تنگ‌وتار тангуторик, беравшаниву камвусъат.

**ТАНГХИРАД** تنگ‌خرد *кит.* камақл, сабукфикр.

**ТАНГХИРАДӢ** تنگ‌خردی *кит.* камақлӣ, сабукфикрӣ.

**ТАНГҲАВСАЛА** تنگ‌حوصله тангдил; камбардошт, камҳавсала.

**ТАНГҲАВСАЛАГӢ** تنگ‌حوصلگی тангҳавсала будан, камбардошт будан.

**ТАНГЧАШМ** تنگ‌چشم 1. он ки чашми танг дорад. 2. *маҷ.* ҳарис, гурусначашм, хасис, мумсик.

**ТАНГЧАШМӢ** تنگ‌چشمی ҳарисӣ, хасисӣ, мумсикӣ.

**ТАНДЕС** تندیس 1. танмонанд, монанд, шабеҳ, назир. 2. сурат, тимсол, тасвир.

**ТАНДИДАН** تندیدن *кит., ниг.* **тундидан**.

**ТАНДИҲӢ** تندهی ба коре ё чизе тан додан, иқрор шудан.

**ТАНДОР** تندار *кит.* 1. нигаҳдорандаи тандурустӣ, муҳофизаткунандаи тан. 2. *маҷ.* ботамкин, бовиқор, боэҳтиром, мӯҳтарам.

**ТАНДУРУСТ** تندرست солим, саломат.

**ТАНДУРУСТӢ** تندرستی сиҳатӣ, солимӣ: **вазорати тандурустӣ**.

**ТАНЗ** *а.* طنز тамасхур, ришханд, истеҳзо, пичинг.

**ТАНЗЕҲ** تنزیه пок ва муназзаҳ кардан, покдоманӣ.

**ТАНЗИЛ** I *а.* تنزیل *кит.* 1. фуруд овардан, поён фиристодан. 2. ваҳӣ; Қуръон.

**ТАНЗИЛ** II *а.* تنزیل суд, даромад аз пули ба қарз додашуда, рибо.

**ТАНЗИМ** *а.* تنظیم ба интизом (тартиб) андохтан ва муназзам кардани корҳо; **танзим додан** ба тартиб андохтан, муназзам кардан: танзими оила, танзими ҷашну маъракаҳо.

**ТАНЗИМГАР** تنظیمگر шахси масъули танзим.

**ТАНЗИМГАРӢ** تنظیمگری ба тартибу низомдарорӣ; ҷой ва маҳалли танзим кардан.

**ТАНЗИМКОРӢ** تنظیمکاری корҳои тартибиву танзимӣ.

**ТАНЗИМКУНАНДА** تنظیمکننده он ки корҳоро ба тартиб медарорад.

**ТАНЗИМНАШАВАНДА** تنظیمنشونده он чи ба тартибу низом намедароянд.

**ТАНЗИМОТ** *а.* تنظیمات *ҷ.* **танзим**.

**ТАНИДАН** تنیدن 1. бофтан, тобидан. 2. тор бофтани тортанак ва кирми абрешим. 3. печондан; **танидан гаштан, тор танидан** *ба гирди чизе, касе*; *маҷ.* ба атрофи касе гаштан барои фиреб додан ва ба доми худ даровардани он кас.

**ТАНИН** *а.* طنین 1. садои ғинг-ғинги магас ва занбӯру пашша. 2. садои ҷирингоси чизе.

**ТАНИНАНДОЗ** طنینانداز **:танинандоз шудан** ҷарангос задан, ғулғула андохтан.

**ТАНИНДОР** طنیندار ғулғуладор, ҷарангосӣ.

**ТАНӢ** تنی аз як падару модар будан, ҳолати тан ва ҷисмоният.

**ТАНК** *англ.* تنک мошини тасмачархи худгарди зиреҳпӯш, ки ҳомили яроқҳои қавист.

**ТАНКЕР** *англ.* تنکیر киштии боркаши махсус ба кашондани моеот.

**ТАНКЗАН** تنکزن бо танк задан, аслиҳаи танкзанӣ.

**ТАНКӢ** تنکی *мансуб ба* **танк**.

**ТАНКРОН** تنکران он ки танк меронад, ронандаи танк.

**ТАНКРОНӢ** تنکرانی рондани танк.

**ТАНКСОЗ** تنکساز созандаи танк, мутахассиси соҳаи танксозӣ.

**ТАНКСОЗӢ** تنکسازی сохтани танк: **корхонаи танксозӣ**.

**ТАНКЧӢ** تنکچی *гуфт.* он ки танк меронад, он ки бо танк сару кор дорад.

**ТАНКШИКАН** تنکشکن **:минаи танкшикан** минае, ки бо он танкро зада нобуд мекунанд.

**ТАНҚЕҲ** *а.* تنقیح пок кардан, тоза кардани чизе аз айбҳо; пок кардани асар аз суханҳои қабеҳ.

**ТАНҚИД** *а.* تنقید муҳокима ва таҳлили ягон асар ё кори касе бо мақсади аён сохтани комёбӣ ва камбудиҳои он; фикррониии манфӣ дар бораи асаре; **танқиди ёрона** бо ғамхорӣ ва хайрхоҳӣ нишон додани камбудии асаре ё касе; **танқид кардан** камбудӣ ва нуқсони кори касеро нишон додан; интиқод; **танқидро намебардорад** ба шунидани нуқсону камбудии худ тоқат надорад.

**ТАНҚИДАН** *а.* تنقیداً ба таври танқидӣ.

**ТАНҚИДӢ** تنقیدی *мансуб ба* **танқид**.

**ТАНҚИДКОРОНА** تنقیدکارانه ба таври танқидӣ.

**ТАНҚИДКУНАНДА** تنقیدکننده он ки нуқсон ва камбудии касеро нишон медиҳад.

**ТАНҚИДОМЕЗ** تنقیدآمیز ба тариқи сарзаниш.

**ТАНҚИС** *а.* تنقیص 1. нақсдор кардани чизе; нақсдорӣ; **танқиси рӯзгор** нуқсони (камбудиҳои) рӯзгор. 2. камёб шудани чизе.

**ТАНҚИСӢ** تنقیصی камёб шудан, камчинӣ; **танқисӣ кашидан** эҳтиёҷ доштан.

**ТАНҚИЯ//ТАНҚИЯТ** *а.* تنقیه//تنقیت 1. тоза кардан, пок кардан, *мас.*, ҷӯйро аз лойқа. 2. *тиб.* ба воситаи доруҳо мусҳил пок ва тоза кардани даруни бемор.

**ТАНЛУЧ** تنلچ бараҳна.

**ТАНМИЯ//ТАНМИЯТ** *а.* تنمیه//تنمیت нумӯъ додан; сабзонидан, рӯёндан.

**ТАННОЗ** *а.* طناز пурноз, хушрафтор, шӯх; *маҷ.* дилрабо.

**ТАННОЗӢ** *а.* طنازی ноз, ишва.

**ТАНОЗОД** تنآزاد *кит.* осуда, ором, роҳат, тандуруст.

**ТАНОБ** I *а.* طناب ресмон, арғамчин; **таноби**

**чарх** ресмоне, ки ба чархи ресмонресӣ барои гардондани дук меандозанд; **таноби гап канда шудан** бурида шудани риштаи сухан; **таноби** *чизе ё касеро* **кашидан** боздоштани *касе ё чизе* аз коре; **таноб партофтан** (палак) навда додан.

**ТАНОБ** II طناب *таър.* ченаки паймоиши масоҳати замин, чоряки гектар.

**ТАНОББОЗ** طناب‌باز он ки машғули таноббозӣ аст.

**ТАНОББОЗӢ** طناب‌بازی як навъи машғулият.

**ТАНОББОФ** طناب‌باف бофандаи таноб.

**ТАНОББОФӢ** طناب‌بافی машғулият ё касби таноббофӣ.

**ТАНОБКАШ** طناب‌کش он ки барои чен кардани масоҳати замин таноб мекашад.

**ТАНОБКАШӢ** طناب‌کشی чену паймоиш кардани масоҳати замин.

**ТАНОБОНА** طنابانه *таър.* навъи андоз дар аморати Бухоро барои паймоиши замин.

**ТАНОБПЕЧ** طناب‌پیچ :**танобпеч кардан** дасту пои касеро бо таноб бастан.

**ТАНОБПУЛӢ** طناب‌پولی *ниг.* **танобона**.

**ТАНОБРОҲА** طناب‌راهه андози замин, ҳаққи замин.

**ТАНОБТОБАК** طناب‌تابک он чизе, ки танобро метобад.

**ТАНОБЧӢ** طناب‌چی *гуфт.* он ки заминро чен (масоҳат) мекунад; танобкаш.

**ТАНОВАР** تناور *кит.* ғафс, фарбеҳ, тануманд, бузургҷусса.

**ТАНОВУЛ** *а.* تناول хӯрдан ё ошомидани таом.

**ТАНОЗӮЪ** *а.* تنازع *кит.* бо ҳам низоъ кардани ду кас ё ду чиз; **танозӯи бақо** мубориза барои идомаи зиндагӣ.

**ТАНОҚУЗ** *а.* تناقض мухолифат, ба ҳамдигар зид будан.

**ТАНОҚУС** *а.* تناقص рақобат, фахрфурӯшӣ ва худнамоӣ.

**ТАНОРО(Й)** تنارا(ی) орояндаи тан.

**ТАНОРОӢ** تنارائی ороишдиҳии худ, худороӣ.

**ТАНОСО** تناسا 1. роҳатбахшанда ба тан. 2. он ки фақат осоиши тани худро мехоҳад, танпарвар.

**ТАНОСОӢ** تن‌آسائی танро осоиш додан.

**ТАНОСУБ** *а.* تناسب 1. нисбати ду чиз ба ҳамдигар; **таносуби андом** ба ҳамдигар муносиб ва шинам будани аъзои бадан. 2. *риёз.* баробарии ду нисбати риёзӣ.

**ТАНОСУБАН** *а.* تناسباً нисбатан, дар нисбат ба чизе ё касе.

**ТАНОСУБНОК** تناسبناک нисбатдошта, монандбуда.

**ТАНОСУЛ** *а.* تناسل овардани наслу авлод; **узвҳои таносул** олати ниҳонии мардона ё занона.

**ТАНОСУЛӢ** تناسلی *марбут ба* **таносул**, наслдиҳанда.

**ТАНОСУХ** *а.* تناسخ *д.* нақл ёфтани рӯҳи одами мурда ба тани каси дигар (*ақидаи динҳои бараҳмания ва ҳиндуия*), кӯчидани рӯҳҳо.

**ТАНОФУР** *а.* تنافر аз якдигар дурӣ чустан, нафрат кардан; *адш.* **танофури ҳуруф** овардани чанд овозе, ки махраҷи онҳо ба якдигар наздик буда, талаффузашон душвор аст ва ба гӯш сахт мерасад.

**ТАНПАРАСТ** تن‌پرست *ниг.* **танпарвар**.

**ТАНПАРАСТӢ** تن‌پرستی **танпарварӣ**.

**ТАНПАРВАР** تن‌پرور 1. он ки ҳамеша дар фикри осош ва парвариши тани худ мебошад. 2. *маҷ.* аз меҳнат гурезанда, фароғатталаб.

**ТАНПАРВАРӢ** تن‌پروری амал ва ҳолати танпарвар; роҳатталабӣ, танбалӣ, коҳилӣ.

**ТАНПОККУН** تن‌پاک‌کن матое, ки баъд аз шустушӯ баданро бо он пок ва хушк мекунанд.

**ТАНПӮША** تن‌پوشه либос, ҷома.

**ТАНСИҲАТ** تن‌صحت солим, тандуруст.

**ТАНСИҲАТӢ** تن‌صحتی солимӣ, тандурустӣ.

**ТАНТАНА** *а.* تنتنه//طنطنه 1. дабдаба, шукӯҳ. 2. муваффақият, ғалаба, болодастӣ. 3. ҷашн, ҷашнгирӣ.

**ТАНТАНАВӢ** تنتنوی дабдабанок, ботантана, бо фарру шукӯҳ: **маҷлиси тантанавӣ**.

**ТАНТАНАНОК** تنتنه‌ناک пурдабдаба, бокарруфар: **маросими тантананок.**

**ТАНТАНАНОКӢ** تنتنه‌ناکی ботантана будан.

**ТАНТЕҲ** تنته *гуфт.* тандиҳанда, пурсубот дар коре.

**ТАНУМАНД** تنومند қавичусса, баландболо; зӯр, тавоно.

**ТАНУМАНДӢ** تنومندی зӯрӣ, тавоноӣ, боқувватӣ.

**ТАНӮР** تنور кӯраи махсуси нонпазӣ; **танӯри сина** синаи пурсӯзу гудоз; ◊ **танӯри бадан** *тиб.* навъе аз бемории махав.

**ТАНӮРА** I تنوره 1. ҳар чизи оташдоре, ки ба танӯр монанд бошад; **танӯраи кӯҳи оташфишон**. 2. як навъ либоси зиреҳдори ҷангӣ.

**ТАНӮРА** II تنوره сӯрохи болои осиё, ки об аз он ҷо ба парраҳои чархи осиё мерезад; ◊ **танӯра задан** ҳалқа–ҳалқа боло рафтан; чарх задан, гирд гаштан.

**ТАНӮРКАБОБ** تنورکباب гӯште, ки дар дохили танӯр ё бо усули танӯрӣ пухта шудааст.

**ТАНӮРСОЗ** تنورساز устое, ки танӯр месозад.

**ТАНӮРСОЗӢ** تنورسازی амал ва шуғли танӯрсоз.

**ТАНӮРХОНА** تنورخانه ҷое, ки танӯр шинонда шудааст.

**ТАНХАРОБ** تن‌خراب лоғар.

**ТАНХОҲ** تن‌خواه 1. пули нақд, зар, мол, давлат; маош, музд, дастмузд. 2. *таър.* замин ва обе, ки амир ихтиёр ва даромади онро ирсан ба касе вогузор мекард; **танхоҳ додан** заминеро ирсан ба ихтиёри касе вогузор кардан; **танхоҳ хӯрдан** бо даромади танхоҳ рӯз гузарондан.

**ТАНХОҲДОР** تنخواهدار соҳиби замини танхоҳ.

**ТАНҲО** تنها 1. якка; **бо сари танҳо** худ бо худ, якка; **танҳо ба танҳо** якка ба якка; **яккаву танҳо** бекас. 2. фақат; **на танҳо** на фақат, ҷисми холӣ; **танҳо-танҳо** ҷудо-ҷудо, алоҳида-алоҳида, ба яккагӣ.

**ТАНҲОГАРД** تنهاگرد он ки танҳо роҳ мепаймояд; **ҷавони танҳогард.**

**ТАНҲОГАРДӢ** تنهاگردی сайру гашт ба сари худ (*ба танҳоӣ*).

**ТАНҲОДАСТ** تنهادست якка, бедастёр; **одами танҳодаст.**

**ТАНҲОДАСТӢ** تنهادستی яккагӣ, дастёр надоштан.

**ТАНҲОӢ** تنهائی яккагӣ, якка будан; бекасӣ, дастёр надоштан, бекас будан;

**ТАНҲОНИШИНӢ** تنهانشینی як гӯшаи танҳоиро ихтиёр кардан, хилватнишинӣ, гӯшанишинӣ.

**ТАНШАРИК** تنشریک шарик дар коре.

**ТАНШӮӢ** تنشوئی шустушӯ, шустани тамоми бадан.

**ТАНШӮЙ** تنشوی дар хонаҳои пештара санги миёнсӯрохе буд, ки бар болои вай истода шустушӯ мекарданд.

**ТАНШӮЯК** تنشویک *ниг.* **таншӯй**.

**ТАОҚУБ** *а.* تعاقب *кит.* таъқиб (дунбол) кардан, дунболагирӣ.

**ТАОЛО** *а.* تعالی баланд шуд! (*баъд аз номи Худо меояд*).

**ТАОЛӢ** *а.* تعالی *кит.* баланд шудан, тараққӣ; баландӣ, бартарӣ.

**ТАОМ** *а.* طعام ҳар чизи хӯрданӣ, хӯрок; **таоми гарм; обу таом** нӯшокӣ ва хӯрокӣ; **пас аз обу таом** баъди хӯрдан ва нӯшидан.

**ТАОМНОМА** طعام‌نامه феҳристи (рӯйхати) хӯрокиҳое, ки дар як ошхона барои хӯранда муҳайёст, рӯйхати таомҳо.

**ТАОМПАЗ** طعام‌پز ошпаз, хӯрокпаз.

**ТАОМПАЗӢ** طعام‌پزی ошпазӣ, хӯрокпазӣ.

**ТАОМУЛ** *а.* تعامل расм, қоида, одат.

**ТАОМФУРӮШ** طعام‌فروش он ки хӯроки пухта мефурӯшад.

**ТАОМФУРӮШӢ** طعام‌فروشی амали хӯроки пухтаро фурӯхтан.

**ТАОМХОНА** طعام‌خانه ҷое, ки хӯрок мехӯранд.

**ТАОМХӮРӢ** طعام‌خوری хӯрок хӯрдан.

**ТАОРУФ** *а.* تعارف *кит.* «хуш омадед» гуфтан ва ба ҷо овардани ҳурмати меҳмон.

**ТАОРУФОТ** *а.* تعارفات *ҷ.* **таоруф**.

**ТАОҲУД** *а.* تعاهد *кит.* ба ҳам аҳд бастан, ҳампаймон шудан.

**ТАПАНДА** تپنده дар ҳолати тапиш; музтариб, беқарор.

**ТАПАРРОС** تپرّاس **:тапаррос задан** тапар–тапар карда садо баровардан.

**ТАПАР–ТАПАР** تپرتپر садои поймонӣ, тапар-тупур.

**ТАПИДАН** تپیدن 1. беқарор шудан, ба изтироб афтодан; печутоб хӯрдан, тапидани дил; **ба хун тапидан** ба хун оғӯштан; **дар оташи интизор тапидан** сахт интизорӣ кашидан.

**ТАПИШ** تپش *исми феълӣ аз* **тапидан.**

**ТАПОНДАН** تپاندن ба тапиш андохтан.

**ТАП(П)ОНЧА** I طپانچه аслиҳаи оташбори дастии милкӯтоҳ.

**ТАП(П)ОНЧА** II تپانچه торсакӣ, шаппотӣ, шаллоқ; **тапонча задан** *маҷ.* торсакӣ задан, шаппотӣ задан.

**ТАППА** تپه **:таппа тайёр** комилан тайёр; **тапа тар** комилан тар; **таппа тахт** баробар, дуруст.

**ТАППАК** تپک *ниг.* **тапӣ**.

**ТАППАС** تپس *калимаи тақлиди овози* афтиши чизе ба замин; **таппас зада афтодан**.

**ТАПӢ** I تپی саргини хушконидашудаи чорво; **тапӣ задан** тапиро барои хушконидан тайёр кардан.

**ТАППӢ** II تپی *тақлиди овози* яку якбора афтиши чизе, банохост афтодани чизе.

**ТАП-ТАП** تپ تپ *тақлиди овози* паиҳами чизе.

**ТАПУР** تپور **:хоки тапур** хоки лагадмолшудаи нарм, тапурхок.

**ТАПУРКУЛӮХ** تپورکلخ кулӯхмайда.

**ТАПУРХОК** تپورخاک хоки нарми роҳи муқаррарӣ.

**ТАР** تر 1. он чи бо моеот омехта шуда бошад, нам; *муқоб.* **хушк**. 2. тоза, нав, обдор; **гулбарги тар**, **меваи тар**, **чашми тар** чашми ашколуд; **тару тоза** а) нав; бо тароват; сабзу хуррам; б) *маҷ.* хуб, фасеҳу обдор; *чизеро* **тар кардан** чизеро ба моеъ ғӯтондан, чизеро ба об задан, нам кардан; **тар шудан** оболуд (нам) шудан; **унноби тар** *киноя аз* лаби маҳбуба, **ёқути тар** ёқути обдор, аълосифат; **анбари тар** *киноя аз* зулф, ҳалқаи зулф.

**ТАР(Р)А** تره барги баъзе аз наботот, ки барои нонхӯриш ба кор мебаранд, сабзавоти хӯрокӣ.

**ТАРАБ** *а.* طرب шодӣ, хушӣ, хушдилӣ; ҳаракатҳои шодиёна; **асбоби тараб** он чи барои айш ва хушӣ лозим аст; **тараб ангехтан** шод кардан, хурсанд кардан; **тараб кардан** хурсандиву шодӣ кардан.

**ТАРАБАНГЕЗ** طربانگیز он чи боиси айшу хушҳолӣ аст, шодиовар, хурсандибахш.

**ТАРАБАФЗО** طربافزا шодиовар.

**ТАРАБГОҲ** طربگاه ҷои базм, макони айшу шодмонӣ.

**ТАРАБЗО** طربزا зояндаи тарабу сурур, тарабовар.

**ТАРАБНОК** طربناک шодиовар, хурсандиовар.

**ТАРАБОВАР** طربآور шодибахш, хурсандиовар.

**ТАРАБПЕША** طربپیشه он ки ҳамеша шоду хуррам мебошад.

**ТАРАБСАРО(Й)** طربسرا(ی) ҷои хушҳолӣ ва сурур, макони хурсандӣ.

**ТАРАБХЕЗ** طربخیز хурсандиовар, шодиафзо.

**ТАРАБХОНА** طربخانه *ниг.* **тарабсаро(й)**; ресторан.

**ТАРАДДУД** *а.* تردد 1. рафтуой кардан, рафтуой. 2. кӯшиш; ҷустуҷӯ. 3. тадорук, тайёрӣ, омодагӣ; **ба тараддуди** *чизе* **афтодан** дар тадоруки чизе шудан. 4. дудилагӣ, шакку шубҳа; ташвиш; **ба тараддуд андохтан** *касеро* боиси ташвиши касе гардидан.

**ТАРАК** ترک як навъ ҳалво, ҳалвои тар, тарҳалво.

**ТАРАКА** *а.* ترکه 1. молу мулке, ки пас аз марги касе аз вай боқӣ мондааст, мерос. 2. тақсими молу мулки меросӣ байни меросхӯрҳо; **тарака кардан** мероси мондаро тақсим кардан; **хати тарака** ҳуҷҷате, ки дар он тақсими мерос байни меросхӯрон қайд шудааст, таракахат.

**ТАРАКАЧӢ** ترکچی *таър.* маъмури расмӣ дар

аморати Бухоро, ки меросро тақсим мекард.

**ТАРАҚҚИЁТ** *а.* ترقیات *ҷ.* **тараққӣ**.

**ТАРАҚҚИПАРВАР** ترقی‌پرور он ки толиби тараққӣ ва пешравӣ аст, пешқадам, кушодафикр.

**ТАРАҚҚИХОҲ** ترقی‌خواه *ниг.* **тараққипарвар**.

**ТАРАҚҚИХОҲӢ** ترقی‌خواهی тараққипарварӣ, пешравихоҳӣ.

**ТАРАҚҚИХОҲОНА** ترقی‌خواهانه бо таври тараққихоҳӣ.

**ТАРАҚҚӢ** *а.* ترقّی расидан ба пояи баланди чизе; болоравӣ, пешрафт; **тараққӣ кардан (намудан)** пеш рафтан.

**ТАРАҚҚО** ترقّا **тараққо-турук** тарақ-турук.

**ТАРАҚҚОС** ترقّاس *калимаи тақлиди овози* садои баланди ҷисми сахт; **тараққос задан** баланд садо додан.

**ТАРАҚҚОСЗАНОН** ترقاس‌زنان садои чизеро баровარда.

**ТАРАҚОТУРУҚ** ترقاترق садои баланди чизе.

**ТАРАҚ-ТУРУҚ** تُرُق ترق *тақлиди овози* садои баланди ба ҳам расидани ҷисмҳои сахт.

**ТАРАНГ** ترنگ сахт кашидашуда, қаиш, чандир, шах; **таранг кардан** а) сахт кашидан, ба сахт кашида шудан водоштан, (*мас., пӯсти даф ё нақораро*); б) бо исрор чизеро аз касе талаб кардан, ба иҷрои амале водор кардан; **таранг кашидан** сахт кашидан, шах кардан (*мас., ресмон, тор, банд ва г.*); **миёнро таранг бастан** камарро сахт кашида бастан.

**ТАРАНГӢ** ترنگی чандирӣ, қаишӣ, ҳолати сахт кашида шудан.

**ТАРАНДОМ** تراندام дорои намуди латиф ва пайкари тару тоза.

**ТАРАННУМ** *а.* ترنم сароидан; сурудхонӣ; нағма, суруд; **тараннум кардан (намудан)** суруд хондан, замзама кардан.

**ТАРАНҶАБИН** ترنجبین ширае, ки дар болои барг ва соқаҳои хоришутур пайдо мешавад ва дар таркибаш қанду шираҳои табобатӣ дорад.

**ТАРАССУД** *а.* ترصد 1. *кит.* зери чашм доштан, дидбонӣ; муроқибат; камин кардан. 2. интизорӣ кашидан, мунтазир будан.

**ТАРАССУЛ** *а.* ترسل 1. номанависӣ; рисола навиштан. 2. номанигорӣ, **илми тарассул** маҷмӯи равишҳои номанигорӣ дар асрҳои миёна.

**ТАРАТЕЗАК** تره‌تیزک номи гиёҳ.

**ТАРАФ** *а.* طرف 1. ҷониб, самт, сӯй; **тарафи рост, тарафи чап, аз ҳар тараф.** 2. бар, канор. 3. он ки дар масъалае ё коре дар ҷониби дигар (*дар муқобил*) истодааст; ҳариф (*дар бозӣ, мусобиқа*); **тарафи сӯҳбат** мусоҳиб, ҳамгап: **тарафи шом** ҳангоми шом, наздикии шом: **тарафҳои манфиатдор; дар тарафҳои шумо...** дар мамлакати шумо, дар диёри шумо; **бисту шаш сол ин тараф** бисту шаш сол боз..., **ин тараф он тараф** ҳама ҷонибҳо, атроф; **он тарафаш** ҷиҳатҳои дигараш; қисми дигараш, боқимондааш; **он тараф истад...** қатъи назар, аз он..., як тараф монед; **ин тараф шудан** аз бозе, ки... шудааст; **ба тарафи худ кашидан** ба сӯи худ ҷалб намудан; **тарафи** *касеро* **гирифтан** дар коре аз касе ҷонибдорӣ намудан, ҳикоят кардан (касеро).

**ТАРАФАЙН** *а.* طرفین ҳар ду тараф, ҳар ду ҷониб.

**ТАРАФГИР** طرفگیر он ки аз касе ҷонибдорӣ мекунад, тарафдор, ҳимоягар, ҳомӣ.

**ТАРАФГИРӢ** طرفگیری ҷонибдорӣ, тарафдорӣ, ҳимоят; **тарафгирӣ кардан** касеро ҳимоя кардан.

**ТАРАФДОР** طرفدار ҷонибдор; он ки касеро ҳимоя мекунад; **тарафдор шудан** розӣ шудан, мувофиқат кардан.

**ТАРАФДОРӢ** طرفداری ҳимоя, ҷонибдорӣ; **тарафдорӣ кардан (намудан)** ҷониби касеро гирифтан, кор ё сухани касеро дуруст донистан.

**ТАРАФКАШӢ** طرفکشی якеро тарафгирӣ намудан, ба як сӯ майл кардан.

**ТАРАФОНА** طرفانه *гуфт.* бо роҳи мусобиқа ё аз рӯи рақобат кореро кардани ду ё чанд кас: **тарафона шеър хондан**.

**ТАРАҲҲУМ** *а.* ترحم раҳм; навозиш, меҳрубонӣ; **тараҳҳум кардан (намудан)** раҳм кардан, дилсӯзӣ нишон додан.

**ТАРАҲҲУМОВАР** ترحم‌آور он чи боиси

дилсӯзӣ ва раҳму шафқат мешавад.

**ТАРАҲҲУМОМЕЗ** ترحم‌آمیز дилсӯзона, аз рӯи навозиш; **бо назари тараҳҳумомез**.

**ТАРАШШӮҲ** *а.* ترشح таровидан, чакидан, заҳида баромадан (*мас., об аз кӯза*).

**ТАРБАНДӢ** تربندی ба ҷароҳат ё ба ягон ҷои озордидаи бадан бастани латтаи тар.

**ТАРБЕЪ** *а.* تربیع 1. ба чор зарб кардан, чорта кардан. 2. ба чизе шакли чоргӯшагӣ додан. 3. *риёз.* зарби адад ба худаш. 4. *нуҷ.* муқобили ҳамдигар истодани ду ситора ба тавре, ки фосилаи мобайни онҳо аз ҳиссаи чаҳоруми (рубъи) фалак, яъне аз се бурҷ иборат бошад; ин вазъият наҳс ба шумор меравад.

**ТАРБИЯ//ТАРБИЯТ** *а.* تربیه//تربیت малакаҳо оид ба рафтор ва кирдор, ки ба воситаи мактаб, оила ва муҳит ба кас талқин мешаванд; омӯхтани адаб; омӯзиш, парвариш; **тарбияи бадан** ба воситаи машқҳои ҷисмонӣ такомул ва парвариши бадан, варзиш; **тарбияи меҳнатӣ** ба кор одат кунонидан ё ба корҳои ҷисмонӣ омӯхта гардонидани касе; **тарбияи сиёсӣ** омӯзиши илмҳои сиёсӣ; **тарбияи ҷисмонӣ** *ниг.* **тарбияи бадан; таълиму тарбия** омӯзиш ва парвариш; **тарбия додан** омӯхтан, парваридан, одобу ахлоқ ёд додан; **тарбия гирифтан** одобу ахлоқ омӯхтан; **ба тарбия (-и худ) гирифтан** омӯхтан ва ба воя расонидани касеро ба зиммаи худ гирифтан; **тарбия кардан** а) омӯхтан, ёд додан; ба воя расонидан, парвариш додан; б) парво кардан.

**ТАРБИЯВӢ** تربیوی *мансуб ба* **тарбия**; оид ба омӯзиш ва парвариш; **аҳамияти тарбиявӣ доштан** аз ҷиҳати омӯзиш ва парвариш муҳим будан.

**ТАРБИЯ(Т)ГАР** تربیه‌گر//تربیت‌گر он ки парвариш мекунад; мураббӣ, муаллим, тарбиякунанда, омӯзгор.

**ТАРБИЯ(Т)ГИРАНДА** تربیه‌گیرنده //تربیت‌گیرنده он ки дар ҷое, ба омӯзиш машғул аст.

**ТАРБИЯГИРӢ** تربیه‌گیری омӯхтан, одобомӯзӣ.

**ТАРБИЯТ** *а.* تربیت *ниг.* **тарбия**.

**ТАРБИЯТДИДА** تربیت‌دیده парваришёфта; баодоб.

**ТАРБИЯТДИҲАНДА** تربیت‌دهنده он ки ба таълиму тарбия машғул аст.

**ТАРБИЯТЁФТА** تربیت‌یافته шахси ботарбия, боодоб.

**ТАРБИЯТӢ** تربیتی вобаста ба тарбия ва таълим.

**ТАРБИЯТКУНАНДА** تربیت‌کننده омӯзгор, устод, муаллим.

**ТАРБИЯТНОПАЗИР** تربیت‌ناپذیر он ки тарбияро қабул намекунад.

**ТАРБИЯТПАЗИР** تربیت‌پذیر қобили тарбия будан.

**ТАРБОД** ترباد 1. беморие, ки аз рутубат бештар дар пой ва миён пайдо мешавад. 2. шамоли рутубатнок; **тарбоди тобистонӣ**.

**ТАРБОДЗАДА** تربادزده хунуказада; он ки ба бемории тарбод мубтало шудааст.

**ТАРБОДШИНОС** تربادشناس донандаи бемории тарбод.

**ТАРБОДШИНОСӢ** تربادشناسی бахши тиб(б), ки ба пешгирии бемориҳои тарбод дахл дорад.

**ТАРБУЗ** تربوز навъе аз меваҳои палакии маълум ва машҳур, ҳиндувона; ◊ **тарбуз аз бағал афтидан** ноумед шудан, маъюс гаштан.

**ТАРВИҶ** *а.* ترویج *кит.* ривоҷдиҳӣ, ривоҷ додан, паҳн кардан.

**ТАРҒИБ** *а.* ترغیب 1. рағбатнок гардонидан; чуқур ва ҳаматарафа фаҳмонда додани масъалае, ташвиқ; **тарғиб кардан (намудан)** ташвиқ кардан, майлу рағбат бедор кардан (ба коре, чизе). 2. барангехтан, таҳрик кардан.

**ТАРҒИБОТ** *а.* ترغیبات *ҷ.* **тарғиб**.

**ТАРҒИБОТӢ** ترغیباتی *мансуб ба* **тарғиб**; ташвиқотӣ.

**ТАРҒИБГАР** ترغیب‌گر он ки бо тарғиби коре (маслаке) машғул аст, ташвиқгар; ташвиқу тарғибкунанда.

**ТАРҒИБКУНАНДА** ترغیب‌کننده *ниг.* **тарғибгар**.

**ТАРД** طرد *кит.* 1. рондан, дур кардан. 2. табъид, бадарға кардан.

**ТАРДАСТ** تردست 1. чолок, чобук, чаққон, зирак. 2. моҳир дар ягон ҳунари дастӣ (*дар хат, наққошӣ ва г*).

**ТАРДАСТӢ** تردستی чолокӣ, зиракӣ, чобукӣ.

**ТАРДИД** تردید *кит.* дудилагӣ; шакку шубҳа; **ба тардид андохтан** дудила кардан; **тардид доштан** дудила будан, шак доштан.

**ТАРДИДНОПАЗИР** تردیدناپذیر бешубҳа, бедудилагӣ.

**ТАРДИМОҒ** تردماغ ниммаст, ширакайф.

**ТАРДОМАН** تردامن 1. он ки доманаш нам бошад, намнок, сернам. 2. *маҷ.* бадахлоқ, фосиқ, фоҷир.

**ТАРДОМАНӢ** تردامنی бадахлоқӣ, фосиқӣ.

**ТАРЕВА** تریوه *кит.* роҳи ноҳамвор, роҳи пасту баланд.

**ТАРЁК** تریاک 1. давои зидди заҳр, позаҳр. 2. афюн, чакида, кӯкнор; **тарёк кашидан** дуди тарёкро фурӯ бурдан (*бо мақсади нашъамандӣ*).

**ТАРЁКӢ** تریاکی *ниг.* **тарёккаш**.

**ТАРЁККАШ** تریاککش он ки тарёк мехӯрад ё дуди онро фурӯ мекашад.

**ТАРЁККАШӢ** تریاککشی амали тарёккаш; тарёк кашидан.

**ТАРЁКХОНА** تریاکخانه хонае, ки дар он ҷо тарёк мекашанд.

**ТАРЗ** طرز тавр, тариқа, равиш; услуб; **ба тарзе ки...** чи тавре ки, … чунон ки… **ба тарзи...** ба тариқи…, ба таври…

**ТАРЗАБОН** ترزبان он ки суханони тару тоза мегӯяд; нотиқ; хушгап, суханвар.

**ТАРЗАБОНӢ** ترزبانی нотиқӣ, хушгапӣ, суханварӣ.

**ТАРЗАХМА** ترزخمه мизроби нав.

**ТАРИД** I ترید *ниг.* **тарит**.

**ТАРИД** II *а.* طرید 1. рондашуда, дуркарда, хориҷкарда. 2. ҳамла, ҳуҷум, таарруз.

**ТАРИДГОҲ** طریدگاه ҷои ҳамла, ҳамлагоҳ, ҷои ҳуҷум.

**ТАРИНА** ترینه *кит.* хӯроке, ки бо гӯшт, сабзавот, гандум ва сирко пухта мешавад.

**ТАРИҚ** *а.* طریق 1. роҳ, роҳи одӣ; **ба ҳар тариқ** ба ҳар роҳ. 2. тарз, равиш, расм; қоида.

**ТАРИҚА** I *а.* طریقه *ниг.* **тариқ**; **ба тариқаи** ... ба таври

**ТАРИҚА** II **//ТАРИҚАТ** *а.* طریقه//طریقت 1. оин, маслак; мазҳаб. 2. роҳи арбоби тасаввуф: **тариқати нақшбандия**. 3. навъ, хел.

**ТАРИҚАТШИНОС** طریقتشناس суфӣ, солик, аҳли тасаввуф.

**ТАРИТ** تریت 1. реза кардани нон дар шир, ҷурғот, шӯрбо. 2. нимтар кардани сабӯс ё орд барои хӯроки чорпо.

**ТАРИФ** I *фр.* تریف *ниг.* **таърифа**.

**ТАРИФ** II *а.* طریف 1. *кит.* нодир, камёб. 2. *маҷ.* бегона, хориҷӣ.

**ТАРӢ** تری 1. намӣ, обдорӣ. 2. тароват, тозагӣ. 3. ботароват, тару тоза ва нав; **сарсабзиву тарӣ**.

**ТАРК** I ترک дасткашӣ, гузаштан аз баҳри чизе, партофтан ё раҳо кардани чизе; **бе тарк** ба таври доимӣ, доимо; **тарки дунё кардан** аз вобастагиҳои дунё даст кашидан, узлатнишин шудан; **тарки силоҳ кардан** яроқи худро партофтан; **тарки адаб** беадабӣ, бешармӣ, бадмуомилагӣ; **тарки муҳиммот** партофтани лавозимоти ҷангӣ.

**ТАРК** II ترک тоскулоҳ, кулоҳи ҷангӣ.

**ТАРКАНДА** ترکنده моддае, ки таркиш ба амал меорад.

**ТАРКИБ** *а.* ترکیب омехтани чанд чиз, омезиш, омехтагӣ; он чи аз омезиши чанд модда ба вуҷуд омадааст.

**ТАРКИБАН** *а.* ترکیباً аз ҷиҳати сохти худ, аз рӯи таркиб.

**ТАРКИББАНД** ترکیببند *адш.* яке аз шаклҳои шеъри тоҷикӣ, ки шоир чанд байтро дар як қофия гуфта, дар охири банд байтеро бо қофияи дигар ба тариқи нақарот меорад.

**ТАРКИББАНДӢ** ترکیببندی таркиббанд гуфтан.

**ТАРКИБӢ** ترکیبی таркибёфта, пайдошуда аз омезиш ва ба ҳам омадани чанд ҷузъ: **қисми таркибӣ.**

**ТАРКИБОТ** *а.* تركيبات *ҷ.* **таркиб**.

**ТАРКИДАН** تركيدن кафидан бо қувваи моддаҳои тарканда, мунфаҷир гардидан.

**ТАРКИШ** تركش кафиш бо зӯри моддаи тарканда.

**ТАРКОНАНДА** تركاننده моддае, ки таркиш ба амал меорад.

**ТАРКОНДАН//ТАРКОНИДАН** تركاندن//تركانيدن таркиш ба амал овардан, мунфаҷир сохтан; **дили** *касеро* **таркондан** *маҷ.* касеро сахт тарсондан.

**ТАРКОНИШ** تركانش таркондан, мунфаҷирсозӣ.

**ТАРКУНАНДА** تركننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **тар кардан** нам кунондан.

**ТАРҚИШ** ترقش роғ, рахна, ҷои кафидагӣ: **тарқиши дар**.

**ТАРҚИШДОР** ترقشدار роғдор, шикофдор.

**ТАРМА** ترمه тӯдаи сахтшудаи барф, ки аз кӯҳ канда шуда меафтад; яхпора; **тарма кӯчидан** лағжида фурӯ рехтани барф ё яхпора.

**ТАРМАДАВ** ترمه‌دو ҷои тармафуроӣ.

**ТАРМАДАВӢ** ترمه‌دوى вақти тармафуроӣ.

**ТАРМАКАН** ترمه‌كن *нав.* асбоб ё мошину олоте, ки тармаро меканад.

**ТАРМАТАРИД** ترمه‌تريد *гуфт.* бориши омехтаи барфу борон.

**ТАРМАФУРОӢ** ترمه‌فراىٔ замони фуромадани тарма.

**ТАРМАХЕЗ** ترمه‌خيز ҷой ва маҳалле, ки дар он эҳтимоли фуромадани тарма зиёд аст.

**ТАРМАХЕЗӢ** ترمه‌خيزى фасли фуромадани тарма.

**ТАРМЕВА** ترميوه меваи нав аз дарахт кандашуда, меваи тар.

**ТАРМИМ** *а.* ترميم таъмир кардан, ислоҳ кардан, дуруст кардан.

**ТАРМИМГАР** ترميم‌گر устое, ки ба таъмири асбобҳои гуногун машғул аст.

**ТАРМИМГАРӢ** ترميم‌گرى касби тармимсозӣ, ҷои таъмир, таъмиргоҳ.

**ТАРМИМӢ** ترميمى *марбут ба* **тармим**; таъмирбоб, тармимталаб.

**ТАРНАШАВАНДА** ترنشونده обнагузаранда.

**ТАРНОВ** ترناو нов, нова, новадон; **тарнови чӯбӣ** чӯби миён кофташудае, ки дар обгузарҳо кор мефармоянд.

**ТАРНОВЧА** ترناوچه новаи хурд, обгузарони хурд.

**ТАРОВАТ** طراوت тарию тозагӣ, шодобӣ; **таровати ҷавонӣ** *маҷ.* латофат ва зебоии айёми ҷавонӣ.

**ТАРОВАТАФЗО** طراوت‌افزا шодобфазоянда, афзудани тарию тозагӣ.

**ТАРОВАТБАХШ** طراوت‌بخش бахшандаи тароввату тозагӣ, тарӣ.

**ТАРОВАТНОК** طراوتناک тару тоза, шодоб.

**ТАРОВЕҲ** *а.* تراويح :**намози таровеҳ** *д.* намози махсусе, ки шабҳои моҳи рамазон, баъди ифтор мехонанд ва он бист ракъат намози нафл аст.

**ТАРОВИДАН** تراويدن заҳидан, қатра–қатра баромадани об аз ҷои тар.

**ТАРОВИШ** تراوش заҳидан ё чакида баромадани моеот.

**ТАРОВИШӢ** تراوشى *мансуб ба* **таровиш**; баромадан, берун шудан.

**ТАРОЗ//ТИРОЗ** تراز//طراز 1. зинат, ороиш, нақшу нигор, нақши ҷома. 2. номи як шаҳри қадимист дар ҳудуди Туркистон ва Чин, ки бо соҳибҷамолии духтарони худ машҳур буд.

**ТАРОЗИДАН//ТИРОЗИДАН** ترازيدن//طرازيدن *кит.* 1. ороиш додан, оростан, перостан, бо зеҳ ва зеҳак зинат додани чизе, махсусан матоҳои нафис. 2. нигоштан, навиштан.

**ТАРОЗӢ** ترازى//طرازى *мансуб ба* **зебу зинат**; зинат, ороиш; ҳусн.

**ТАРОЗУ** ترازو асбоби баркашидани чизҳо, мизон; **тарозуи каппон** тарозуи паллакалони овеза барои баркашидани ғалла, пахта *ва ғ.;* **тарозуи мизон** *д.* тарозуи мавҳуме, ки бо он тибқи ривоёти динӣ рӯзи қиёмат савобу гуноҳи мардумро бармекашанд; **тарозуи мисқолӣ** тарозуе, ки бо он чизҳои камвазни

гаронқадрро месанҷанд; тарозуи дақиқ; **сангу тарозу** тарозу ва вазна барои баркашидани чизҳо; **шоҳини тарозу** чӯбе, ки дар тарозуҳои дастӣ паллаҳо аз он овехта шудаанд; **аз тарозу задан** *маҷ.* кам баркашида, харидорро фиреб додан; **гапро ба тарозу баркашидан** санҷида, мулоҳиза карда гап задан.

**ТАРОЗУБОН** ترازوبان *ниг.* **тарозудор**.

**ТАРОЗУДОР** ترازودار он ки дар бозорҳо дар сари тарозу меистад.

**ТАРОЗУДОРӢ** ترازوداری касб ё шуғли тарозудор.

**ТАРОЗУКАШ** ترازوکش он ки бо тарозу вазни борҳоро мекашад, тарозубон.

**ТАРОЗУКАШӢ** ترازوکشی амал ва шуғли тарозукаш; ҷои вазни борҳоро кашидан.

**ТАРОЗУМИСҚОЛ** ترازومثقال тарозуи хурде, ки бо он асосан вазни ҷавоҳирот, тил(л)о, моддаҳои доруворӣ *ва г.* кашида мешавад.

**ТАРОЗУСАНҶ** ترازوسنج санҷандаи тарозу, тарозубон.

**ТАРОЗУХОНА** ترازوخانه 1. ҷое дар бозорҳо, ки тарозуҳоро нигоҳ медоронад. 2. кафаи тарозу, паллаи тарозу.

**ТАРОЗУҶОЙ** ترازوجای дар бозорҳо ҷое, ки тарозу меистад.

**ТАРОЗУШИКАН** ترازوشکن шиканандаи тарозу, бор ё вазне, ки дар санҷиш тарозуро шиканад.

**ТАРОКУМ** *а.* تراکم 1. ҷамъ шудан, анбӯҳии чизе. 2. тазйиқ, фишор. 3. *маҷ.* шӯру ошӯб.

**ТАРОНА** ترانه 1. суруд, нағма. 2. суруде, ки дар поёни ҳар як мақоми шашмақом муносиби он навохта ва хонда мешавад; суруди рақсӣ; фуровард, хотима; **тарона гуфтан (хондан)** суруд хондан.

**ТАРОНАГӮ(Й)** ترانه‌گو(ی) сурудхон, гӯяндаи тарона.

**ТАРОНАГӮӢ** ترانه‌گوئی таронагӯӣ кардан.

**ТАРОНАНАВИС** ترانه‌نویس эҷодкунандаи тарона.

**ТАРОНАНАВИСӢ** ترانه‌نویسی тарона навиштан.

**ТАРОНАСАРО(Й)** ترانه‌سرا(ی) ҳофиз, сурудхон, сурудгӯй, шоир.

**ТАРОНАСАРОӢ** ترانه‌سرائی нағмасозӣ, сурудхонӣ.

**ТАРОНАСОЗ** ترانه‌ساز *ниг.* **таронасаро**(й).

**ТАРОНАСОЗӢ** ترانه‌سازی таронанависӣ, тарона навиштан.

**ТАРОНАХОН** ترانه‌خوان *ниг.* **таронасаро(й)**.

**ТАРОНАХОНӢ** ترانه‌خوانی *ниг.* **таронасароӣ**.

**ТАРОТАР** تراتر дар ҳолати тарӣ, ҳанӯз хушкношуда.

**ТАРОШ** تراش 1. *асоси замони ҳозира аз феъли* **тарошидан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* тарошанда: **сангтарош, сартарош, чӯбтарош**.

**ТАРОШ** تراش 1. тарошидан, амали тарошидан. 2. *гуфт.* маърака ва чорабиниҳои умумии тароши бузу гӯсфандон дар муассисаҳои чорводорӣ; **тароши қалам** он чи  ки нависанда ифода кардан мехоҳад.

**ТАРОША** تراشه 1. пораҳое, ки аз тарошидани чӯб бо табар ва теша пайдо мешаванд. 2. ҳезуми шикаста ва кафондашуда барои сӯхтан дар оташдон; **тарошаи аз бом афтида** ҳодисаи ногаҳонӣ, ба таври ғайриинтизорӣ.

**ТАРОШАКАФОНӢ** تراشه‌کفانی ҳезумшиканӣ.

**ТАРОШАНДА** تراشنده он ки ба тарошидан машғул аст, сартарош.

**ТАРОШАЧИН** تراشه‌چین он ки тароша ҷамъ мекунад, резачин.

**ТАРОШИДА** تراشیده тарошидашуда, аз тарош баромада, рандашуда; сутурда; **сари тарошида** сари мӯяш бо поку сутурда; **аз хотир тарошида партофтан** *маҷ.* аз лавҳи хотир тамоман нест кардан (*фикреро*).

**ТАРОШИДАН** تراشیدن 1. сутурдани мӯй аз бадан ба воситаи теғ (поку); поку суфта кардан. 2. чизеро, ҷоеро бо олатҳои нӯгтез суфта кардан (*мас., чӯбро ба воситаи ранда, заминро бо каланд*). 3. *маҷ.* сифат кардан касеро ё чизеро, ки дар ҳақиқат лоиқи он нест; **сояи** *чизеро, касеро* **аз девор тарошидан** чизеро касеро тамоман несту нобуд кардан; чизеро ё касеро бисёр бад дидан.

**ТАРОШИДАНӢ** تراشیدنی лоиқ ва қобили тарошидан, он чи ки бояд тарошида шавад.

**ТАРОШКОР** تراشکار он ки касби тарошиданро дорад.

**ТАРОШКОРӢ** تراشکاری касби тарошкор, амали тарошкор.

**ТАРРАК** ترک *гуфт.* харбузаи норасида ва нопухта.

**ТАРРОР** *а.* طرار 1. теззабон; он ки гапи ҳарифи худро бурида мепартояд. 2. кисабур, дузд; каллабур.

**ТАРРОРӢ** طراری дуздӣ, айёрӣ, ҳилагарӣ.

**ТАРРОҲ** *а.* طراح *кит.* тарҳкаш, лоиҳакаш; нақшакаш.

**ТАРРОҲӢ** طراحی санъати тарҳкашӣ, ҳунари тарҳсозӣ, лоиҳасозӣ.

**ТАРС** ترس хавф, бим; **аз тарси ҷон** аз хавфи ворид омадани осебе ба тан (*ба зиндагӣ*); **дар тарс афтодан** тарсидан; **тарс хӯрдан** рамидан, ба бим афтодан.

**ТАРСАБЗА** ترسبزه сабзаи тар.

**ТАРСАКӢ** ترسکی зарбае, ки бо кафи даст (панҷа) ба рӯи кас зананд, шапалоқ, силӣ, торсакӣ; **тарсакии обдор** силии сахт, шапалоқи кашидаю кушода; **як тарсакӣ задан (фуровардан)** силӣ задан, ба кафи даст ба рӯи касе зарба задан; **тарсакӣ хӯрдан** шатта хӯрдан.

**ТАРСАНДА** ترسنده он ки аз чизе бим дорад.

**ТАРСГОР** ترسگار *кит.* тарснок; **тарсгор будан** дар хавф будан.

**ТАРСГОРӢ** ترسگاری *ниг.* **тарскорӣ**.

**ТАРСЕЪ** *а.* ترصیع 1. нигинкорӣ кардан, бо ҷавоҳирот зинат додан (*мас., камарбанд, дастаи корд ва г.*). 2. *адш.* дар як байт ба таври мувозӣ ва дар баробари ҳам овардани калимаҳои ҳамқофия.

**ТАРСИДА** ترسیده ба хавф афтода, бимгирифта; **тарсида-тарсида** дар ҳолати хавф, ҳаросон, тарсон-тарсон.

**ТАРСИДАН** ترسیدن бим доштан, хавф кардан, ба тарс афтодан, дар хавф мондан; **аз сояи худ тарсидан** хеле тарсидан, камҷуръат ва буздил будан, тарсончак будан.

**ТАРСИМ** *а.* ترسیم расм кардан, нақш кардан.

**ТАРСИМӢ** ترسیمی *марбут ба* **тарсим**.

**ТАРСКОР** ترسکار *ниг.* **тарсгор**.

**ТАРСКОРӢ** ترسکاری тарсгорӣ, тарс аз Худо, парҳезкорӣ.

**ТАРСНОК** ترسناک бимнок, хавфангез; он чи дар он хавфу бим ҳаст.

**ТАРСО** ترسا 1. тарсанда, бимбаранда. 2. пайравӣ дини Исо, насронӣ, масеҳӣ.

**ТАРСОЗОДА** ترسازاده бачаи насронӣ, тарсобача, насронизода.

**ТАРСОН** ترسان дар ҳолати биму ваҳм, тарсидаистода, тарсомез; **тарсон-тарсон** *ниг.* **тарсида (тарсида-тарсида)**.

**ТАРСОНАНДА** ترساننده он ки дигареро ба ваҳм меандозад.

**ТАРСОН(И)ДАН** ترساندن//ترسانیدن бим додан, тарс ба вуҷуд овардан, ба тарс андохтан.

**ТАРСОНДАНӢ** ترساندنی **:тарсонданӣ шудан** касеро ваҳмонидан хостан.

**ТАРСОНДИЛ** ترساندل буздил, тарсончак, тарсу.

**ТАРСОНЧАК** ترسانچک тарсу, камҷуръат, буздил.

**ТАРСОНЧАКӢ** ترسانچکی тарсугӣ, камҷуръатӣ, буздилӣ.

**ТАРС-ТАРС** ترس ترس *тақлиди овози* садои задани чӯб.

**ТАРСУ** ترسو тарсончак, камҷуръат, буздил.

**ТАРСХОНА** ترسخانه ҷой ва маҳалле, ки эҳсоси тарсу бим ба вуҷуд меорад.

**ТАРСХӮРДА** ترسخورده рамида, ба ваҳм афтода.

**ТАРТИБ** *а.* ترتیب 1. ниҳодани ҳар чиз дар ҷойҷойи худ; назм, низом, сомон; интизом. 2. тарз, усул, тариқ; **бо тартиб** бо интизом; **ба ҳамин тартиб** ба ин тарз, ба ин тариқ; **бо тартиби синну сол** мувофиқи синну сол, ба синну сол нигоҳ карда; **тартиби рӯз** муқаррар кардани тарзи (рафти) корҳое, ки бояд дар як рӯз иҷро шавад; **ба тартиб андохтан** ба интизом даровардан, муназзам кардан; ба роҳ мондан; ғуну чин кардан

(*мас., чизу чораи хонаро*); **тартиб додан** а) барпо кардан, оростан; б) ба вуҷуд овардан, сохтан (чизеро); таълиф; **тартиб ёфтан** навишта шудан.

**ТАРТИБДИҲАНДА** ترتیب‌دهنده муаллиф, мусанниф, мураттиб.

**ТАРТИБДИҲӢ** ترتیب‌دهی *исми амал аз* **тартиб додан**; ба тартиб овардан, ба танзим даровардан.

**ТАРТИБӢ** ترتیبی **:шумораи тартибӣ** *грам.* шуморае, ки тартиби ашёро нишон медиҳад.

**ТАРТИБНОК** ترتیب‌ناک боинтизом, аз рӯи қоидаву усул, мураттаб.

**ТАРТИБОТ** *а.* ترتیبات 1. *ҷ.* **тартиб**. 2. маҷмӯи қоида, низом ва роҳу равиши муқарраршуда.

**ТАРТИЛ** *а.* ترتیل хондан бо оҳистагию оромӣ ва мувофиқи қоида.

**ТАРФ** I *а.* طرف гӯша, канор; **тарфи гулистон** як гӯшаи гулистон; **тарфи чаман** гӯшаву канори чаман, чамангоҳ.

**ТАРФ** II طرف зарфи чӯяние, ки ба дарунаш борут ҷо карда, дар тамошоҳои шабона оташ медоданд.

**ТАРФ** III *а.* طرف камарбанд, банди зарин ва нуқрагин, ки ба камар мебанданд; ◊ **тарф бастан** а) ба чизе камар бастан; б) омода шудан, азму оҳанги чизе кардан.

**ТАРФ** IV *а.* طرف нигоҳ, назар; чашм, дида; ҷунбонидани пилки чашм.

**ТАРФ** V ترف *кит.* мост, чурғот, қурут.

**ТАРФА//ТАРФАТ** *а.* طرفه//طرفت *кит.* як лаҳза, як чашм задан;

**ТАРФАТУЛЪАЙН** *а.* طرفةالعین *кит.* ба як чашм задан, дар як он, фавран.

**ТАРФБОЗӢ** طرف‌بازی ду гурӯҳ шуда ба муқобили ҳамдигар тарфҳоро оташ дода бозӣ кардан.

**ТАРХИС** *а.* ترخیص рухсат додан, иҷозат додан.

**ТАРХОН** *т.* طرخان//ترخان *таър.* он ки подшоҳ ӯро барои ягон хизматаш аз боҷу хироҷ озод мекард; аз гуноҳи касе гузаштани ҳоким, подшоҳ *ва г.*; бахшиш; **тархон кардан** бахшидан, афв кардан; аз боҷу хироҷ озод намудан.

**ТАРХУН** ترخون гиёҳи алафӣ, ки баргҳои муаттари он бӯйи тунд дорад, хусусияти доруӣ низ дорад.

**ТАРХӮРӢ** ترخوری хӯрдани мева дар ҳолати тару тозагиаш.

**ТАРҲ** I طرح 1. нақшаи аввалини чизе (*мас. сохтмон*); лоиҳа, нақша. 2. шакли рӯи ҳар чиз; **тарҳаш якбора шакли ҷиддӣ гирифт; тарҳ афкандан (рехтан)** нақша кашидан (*ба иморат*).

**ТАРҲ** II طرح *риёз.* амали дуюм аз чор амали ҳисоб; аз адади зиёд кам кардани адади хурд.

**ТАРҲКАШ** ترحکش лоиҳакаш, нақшакаш.

**ТАРҲКАШӢ** ترحکشی лоиҳакашӣ, нақшакашӣ, наққошӣ.

**ТАРҲРЕЗ** طرحریز лоиҳакаш.

**ТАРҲРЕЗӢ** طرحریزی нақшакашӣ, пайрезӣ, бунёдгузорӣ.

**ТАРҲСОЗ** طرحساز лоиҳасоз, нақшасоз.

**ТАРҲСОЗӢ** طرحسازی лоиҳасозӣ.

**ТАРҲШАВАНДА** طرحشونده ададе, ки тарҳ мешавад.

**ТАРҶЕҲ** *а.* ترجیح бартар донистани чизе, бартарӣ, афзалӣ; **тарҷеҳ додан** беҳтар (волотар) шумурдани чизе нисбат ба чизи дигар.

**ТАРҶЕЪ** *а.* ترجیع *кит.* такрор, баргашт.

**ТАРҶЕЪБАНД** ترجیع‌بند *адш.* манзумае, ки дар он байти муайяне дар охири ҳар бандаш такрор меёбад.

**ТАРҶИМА** *а.* ترجمه *ниг.* **тарҷума**.

**ТАРҶИМАИҲОЛӢ** ترجمهٔحالی он чи ба нақли аҳвол дахл дорад.

**ТАРҶИМОН** ترجمان *ниг.* **тарҷумон**.

**ТАРҶУМА** *а.* ترجمه гардонидани мазмуне аз як забон ба забони дигар; **тарҷимаи аҳвол (ҳол)** нақли шарҳи ҳаёт ва фаъолияти касе, шарҳи ҳол; **тарҷима кардан** аз забоне ба забони дигар гардонидани матне.

**ТАРҶУМАВӢ** ترجموی тарҷумашаванда.

**ТАРҶУМАИҲОЛӢ** ترجمهٔحالی *ниг.* **тарҷимаи-**

**ҳолӣ**.

**ТАРҶУМАШУДА** ترجمه‌شده маводе, ки аз як забон ба забони дигар гардонда шудааст.

**ТАРҶУМОН** *а.* ترجمان 1. аз забон ба забоне гардонанда; мутарҷим. 2. гӯянда, баёнгар, ифодакунанда.

**ТАРҶУМОНӢ** ترجمانی гардондан аз забоне ба забони дигар; кору касби тарҷумон; **тарҷумонӣ кардан** бо тарҷума машғул будан, аз забоне ба забони дигар гардонидан.

**ТАСАВВУР** *а.* تصور шакл ва ё сурати чизеро дар фикру хаёли худ муайян намудан, ангоштани чизе, пиндор; **тасаввур кардан (намудан)** пиндоштан, ба хаёл овардан.

**ТАСАВВУРӢ** تصوری тасвиршуда, инъикосшуда.

**ТАСАВВУРНАШАВАНДА** تصورنشونده он чи ки дар хаёли кас намеғунҷад.

**ТАСАВВУРНОПАЗИР** تصورناپذیر тасаввурнашаванда, аз тасаввур берун, он чи ба гумону хаёл намеояд.

**ТАСАВВУРОТ** *а.* تصورات *ҷ.* **тасаввур**.

**ТАСАВВУРШАВАНДА** تصورشونده қобили тасаввур.

**ТАСАВВУФ** *а.* تصوف 1. пӯшидани либоси пашмин. 2. *фалс.* ҷараёне, ки пайравони он барои пок шудан аз хоҳишҳои нафсонӣ кӯшида, ашёи олам ва табиатро мазҳари (маҳалли зуҳури) ҳақ(қ) (Худо) медонистанд, либоси пашмина пӯшида, ба зуҳду тақво машғул мешуданд, сӯфигарӣ: **аҳли тасаввуф**.

**ТАСАВВУФӢ** تصوفی *мансуб ба* **тасаввуф**.

**ТАСАДДӢ** *а.* تصدی *кит.* ба зимма гирифтани иҷрои коре, мутасаддӣ шудан ба касе (чизе).

**ТАСАДДУҚ** *а.* تصدق садақа додан барои дафъи бало ба мӯҳтоҷон, садақа, хайрот; балогардон; **тасаддуқ кардан** *таър.* барои садақаи сари амир куштани касе, ки ба ӯ муқобилате карда ё боиси норизогии вай шуда бошад; **очаат тасаддуқ!** (*дар мавриди навозиши фарзанд мегӯянд*); очаат балогардони ту шавад!, модарат ба ту қурбон! **тасаддуқатон шавам!** қурбон шавам!, балогардонатон шавам! (*вақти хитоб ба бузургон гуфта мешуд*).

**ТАСАЛЛИБАХШ//ТАСАЛЛОБАХШ** تسلی‌بخش//تسلابخش дилдоридиҳанда, оромкунанда, оромибахш.

**ТАСАЛЛИДИҲАНДА** تسلی‌دهنده *ниг.* **тасаллибахш**.

**ТАСАЛЛИДИҲӢ** تسلی‌دهی таскин кардан, ором намудан, дилбардорӣ, хотирнавозӣ.

**ТАСАЛЛИЁБ** تسلی‌یاب **:тасаллиёб шудан** ором шудан, таскин ёфтан.

**ТАСАЛЛИЁБӢ** تسلی‌یابی ором шудан, таскин ёфтан.

**ТАСАЛЛИОВАР** تسلی‌آور тасаллибахшанда.

**ТАСАЛЛИОМЕЗ** تسلی‌آمیز дилбардорона, оромибахш.

**ТАСАЛЛӢ** *а.* تسلی *ниг.* **тасалло**.

**ТАСАЛЛО//ТАСАЛЛӢ** *а.* تسلا//تسلی оромӣ ёфтан аз андӯҳ; хушнуд кардани хотири касе; дилдорӣ, дилҷӯӣ; **тасаллои дил (хотир)** таскини хотир, боиси оромии дил; **тасаллӣ додан** дилдорӣ додан, ором намудан, аз андӯҳ раҳоӣ додан (*мас., вақти қазо*). дилхушӣ, шодкомӣ, хушнудӣ, дилосоӣ; **тасалло ёфтан** ором шудан.

**ТАСАЛЛУТ** *а.* تسلط бартарӣ, даст ёфтан, ғалаба кардан, чира шудан (*ба касе ё ба мамлакате*); зердаст кардан (*мамлакатеро*).

**ТАСАЛСУЛ** *а.* تسلسل ҳалқа–ҳалқа, печ–печон; паиҳам, пайвастагӣ; бефосилагӣ.

**ТАСАННУН** *а.* تسنن *д.* пайравӣ ва суннат, суннигарӣ.

**ТАСАННӮЪ** *а.* تصنع сохтагӣ, маснӯъӣ, сунъӣ будан.

**ТАСАРРУФ** *а.* تصرف соҳибӣ кардан, даровардан ба ихтиёри худ (*мамлакате ё мулки касеро*); **аз (таҳти) тасурруфи** *касе* **баромадан** соҳибихтиёри худ шудан; **ба тасарруфи** *касе* **даромадан** ба таҳти итоати касе даромадан; **тасарруф кардан (намудан)** ба даст даровардан, таҳти ҳокимияти худ овардан.

**ТАСАРРУФӢ** تصرفی соҳибият, ихтиёрӣ кардан.

**ТАСАР-ТУСУР** تسرتسر *тақлиди овози* садои задани химчаю чӯб.

**ТАСБЕҲ** *а.* تسبیح *д.* донаҳои ба ришта кашидашуда, ки диндорон вақти зикру авроду якяк мегардонанд; **тасбеҳи саддона** тасбеҳе, ки

сад дона дорад; **тасбеҳ гардонидан** *д.* тасбеҳ дар даст зикру авroutе хондан.

**ТАСБЕҲГАРДОНӢ** تسبیح‌گردانی донаҳои тасбеҳро бо зикри Худо дона-дона гардондан.

**ТАСБИТ** *а.* تثبیت собит кардан, барқарор намудан, побарҷо кардан.

**ТАСБИТГАР** تثبیت‌گر собиткунанда, барқароркунандаи суботу ороиш.

**ТАСВИБ** *а.* تصویب *кит.* тасдиқ, маъқул (рост ва дуруст) шуморидани чизе.

**ТАСВИД** *а.* تسوید *кит.* мусаввада, пешнавис; таълиф кардани асаре, нусхабардорӣ.

**ТАСВИР** *а.* تصویر 1. кашидани сурати чизе. 2. бо қалам навиштани шакл ва манзараи чизе. 3. сурат, расм. 4. баён кардани ягон фикр ё ҳодиса бо забон; **тасвир ёфтан** баён карда шудан; **тасвир кардан (намудан)** баён кардан.

**ТАСВИРЁФТА** تصویریافته *ниг.* **тасвиршуда**.

**ТАСВИРӢ** تصویری *мансуб ба* **тасвир** 3; **санъати тасвирӣ** рассомӣ; **филми тасвирӣ** филме, ки барои кӯдакон таҳия мегардад.

**ТАСВИРНАШАВАНДА** تصویرنشونده ғайри қобили тасвир, он чи қобили тасвир нест.

**ТАСВИРНОК** تصویرناک расмдор, суратдор, мусаввар.

**ТАСВИРНОПАЗИР** تصویرناپذیر баённашаванда, берун аз шарҳу тафсир, он чи аз имкони тасвиру баён берун аст.

**ТАСВИРОТ** *а.* تصویرات *ҷ.* **тасвир**.

**ТАСВИРШАВАНДА** تصویرشونده қобили тасвир.

**ТАСВИРШУДА** تصویرشده *сифати феълии замони гузашта аз* **тасвир шудан**; баён кардашуда.

**ТАСВИЯ//ТАСВИЯТ** *а.* تسویه//تسویت ба як савия овардан, баробар кардан, тартиб додан, мураттаб кардан.

**ТАСДЕЪ** *а.* تصدیع *кит.* ташвишдиҳӣ; касеро дарди сар додан, ба ташвиш андохтан.

**ТАСДИҚ** *а.* تصدیق рост донистан ё таъкид кардани чизе, иқрор кардан ба дурустии чизе; *муқоб.* **такзиб**; **тасдиқ кардан (намудан)** дуруст донистан; **тасдиқ ёфтан (шудан)** дуруст донистa шудан, ҳақ шумурда шудан, қабул шудан; **ҷавоби тасдиқ додан** розигӣ баён кардан.

**ТАСДИҚКУНАНДА** تصدیق‌کننده иқрор шудан, рост ҳисоб кардан.

**ТАСДИҚНОМА** تصدیق‌نامه ҳуҷҷат дар бораи дуруст донистани коре.

**ТАСКИН** *а.* تسکین ором кардан, сокин намудан, паст кардан (*мас., газабро*); тасаллодиҳӣ; дилбардорӣ; **таскини фитна** паст кардан ва хобондани фитна; **таскин додан** ором кардан, тасалло додан, хобондан, пасанда кардан (*мас., ҷанҷолро*); **таскин ёфтан** ором шудан, паст шудан (*мас., ҷанҷол*); тасалло ёфтан.

**ТАСКИНБАХШ** تسکین‌بخش оромкунанда, таскиндиҳанда, тасаллобахш.

**ТАСКИНДИҲАНДА** تسکین‌دهنده *ниг.* **таскинбахш**.

**ТАСКИННАЁБАНДА** تسکین‌نیابنده ғайри қобили таскин ва тасалло, таскиннопазир.

**ТАСКИННОПАЗИР** تسکین‌ناپذیر таскиннаёбанда.

**ТАСКИНОМЕЗ** تسکین‌آمیز ба таври тасаллӣ, омехта бо тасаллову таскин.

**ТАСЛИМ** *а.* تسلیم супурдан; гардан ниҳодан; тандиҳӣ бо фармони касе ё пешомаде; **сари таслим фикандан** итоат ва фармонбардорӣ изҳор кардан; **таслим кардан** супурдан, тамоми ихтиёри чизеро ба касе вогузор намудан; **таслим гаштан (шудан)** тан додан, ихтиёри худро супурдан, сари итоат фуруд овардан.; ◊ **ба таслим оромидан** итоат кардан.

**ТАСЛИМКОРОНА** تسلیم‌کارانه бо таслимкорӣ ба таври таслим шудан.

**ТАСЛИЯТ** *а.* تسلیت *кит.* дилдорӣ додан; дилдорӣ; дилбардорӣ (*вақти мусибат, таъзия*).

**ТАСЛИЯТБАХШ** تسلیت‌بخش дилдоридеҳ, дилбардор, тасаллобахшанда.

**ТАСМА** تسمه 1. чарм ё матои камбари дароз барои бастани чизе. 2. камарбанд. 3. навор; **тасмаи кино**; **тасма-тасма** рах-рах, монанди тасмаҳо.

**ТАСМААРРА** تسمه‌ارّه *тех.* аррае, ки ба воситаи

тасмаи оҳанин кор мекунад.

**ТАСМАВОР** تسمه‌وار чун тасма, мисли тасма.

**ТАСМАГӢ** تسمگی *марбут ба* **тасма**; чармӣ, тасмаӣ.

**ТАСМАДОР** تسمه‌دار чармдор, дорои тасма.

**ТАСМАҚАМЧИН** تسمه‌قمچین қамчини чармӣ.

**ТАСМАЧАРХ** تسمه‌چرخ занҷири сербаре, ки чархи трактор ё танк бо он пӯшонда мешавад.

**ТАСМАШАКЛ** تسمه‌شکل монанди тасма, шакли тасма дошта.

**ТАСМИМ** *а.* تصمیم дар коре қарори қатъӣ кардан; **тасмим гирифтан** қарор додан барои анҷоми коре, азми қатъӣ кардан; **тасмим ёфтан** қарор гирифтан.

**ТАСНИФ** *а.* تصنیف 1. ба навъҳо ҷудо кардани чизҳо. 2. таълиф кардани китоб (рисола). 3. эҷоди тарона, суруд.

**ТАСНИФГАР** تصنیفگر он ки ба гурӯҳбандӣ, табақабандӣ ва ё таҳияву таснифот машғул аст.

**ТАСНИФОТ** *а.* تصنیفات *ҷ.* **тасниф**.

**ТАСОВӢ** *а.* تساوی баробар будан, баробарӣ.

**ТАСОДУМ** *а.* تصادم задани ду чиз ба ҳамдигар, ба ҳам задан, дучор шудан.

**ТАСОДУФ** *а.* تصادف 1. ба ҳам дучор шудан, бо ҳам бархӯрдан, иттифоқи ба чизе ё касе рост омадан. 2. воқеаи ғайриинтизорӣ рӯйдода, ногаҳонӣ. 3. пешомад; **ба ҳар тасодуф ҳозир бошед; тасодуф кардан** дучор омадан бо касе, банохост дида мондан.

**ТАСОДУФАН** *а.* تصادفاً иттифоқо; ногаҳон.

**ТАСОДУФӢ** تصادفی он чи баногоҳ (ба таври ғайриинтизорӣ) рӯй додаст, вобаста ба тасодуф.

**ТАСОДУФОТ** *а.* تصادفات *ҷ.* **тасодуф**.

**ТАСРЕҲ** *а.* تصریح баён кардан, кушодаву равшан кардан, ошкор кардан, сареҳ ифода кардан, равшан ифода кардан.

**ТАСРИФ** *а.* تصریف 1. гардонидан, тағйир додан. 2. *грам.* аз рӯи шахс ва шумора тағйир ёфтани феъл.

**ТАСРИФНАШАВАНДА** تصریف‌نشونده феъле, ки тағйир намеёбад, ғайри қобили тасриф.

**ТАСРИФШАВАНДА** تصریف‌شونده тағйирёбии шакли феъл, қобили тасриф.

**ТАСФ** تسف 1. *ниг.* **тафс**.

**ТАСФИДАН** تسفیدن гармӣ, гарм шудан.

**ТАСФИЯ** *а.* تصفیه *кит.* соф (тоза, покиза) кардани чизе; **тасфияи ботин** пок кардани дарун, покизагии ботинӣ ё маънавӣ (истиллоҳи тасаввуф).

**ТАСХИР** *а.* تسخیر истилло, забт, даровардан ба итоати худ (*мас., мамлакатеро*); **тасхир кардан** забт кардан, ба даст даровардан, тасарруф кардан; **дуои тасхир** *д.* дуои ром кардан ва ба итоати худ даровардани аҷинаҳо.

**ТАСХИРКУНАНДА** تسخیرکننده *маҷ.* мафтункунанда; забткунанда; **маҳорати баланди тасхиркунанда**.

**ТАСХИРНОПАЗИР** تسخیرناپذیر қобили тасхир набуда, таслимнопазир; мағлубнопазир.

**ТАСХИРШУДА** تسخیرشده таслимшуда; мафтуншуда.

**ТАСҲЕҲ** *а.* تصحیح ислоҳ ё дуруст кардани хатоҳои чизи навишташуда.

**ТАСҲЕҲГАР** تصحیحگر мусаҳҳеҳ, ислоҳгар.

**ТАСҲЕҲОТ** *а.* تصحیحات *ҷ.* **тасҳеҳ**.

**ТАСҲИЛ** *а.* تسهیل *кит.* осонгардонӣ, осонӣ, сабукӣ.

**ТАСҲИФ** *а.* تصحیف хато дар навиштан, хато хондан ва навиштани чизе, хато хондани калима ба тавре, ки маънӣ тағйир ёбад.

**ТАТАББӮЪ** *а.* تتبع *кит.* 1. аз паи чизе рафтан, ҷустуҷӯ, таҳқиқ. 2. *маҷ., адш.* ба вазн ва қофияи шеъре тақлид карда гуфтани шеър; тобеӣ, пайравӣ.

**ТАТАВВУР** *а.* تطور *кит.* 1. тадриҷан гузаштан аз ҳоле ба ҳоле. 2. гуногунӣ.

**ТАТБИҚ** *а.* تطبیق 1. бо ҳам мутобиқ (қиёс) кардан ду чиз. 2. ҷорӣ кардан ё ба амал овардани ихтирое ё фикри наве.

**ТАТВИЛ** *а.* تطویل *кит.* дароз кардан, дуру дароз шудан.

**ТАТОВУЛ** *а.* تطاول *кит.* дароз кардан; таҷовуз,

таарруз; **дасти татовул** *ба касе ё ба чизе* **дароз кардан** ҷабр (таарруз) намудан ба ҳаққи касе, дастдарозӣ кардан.

**ТАТҲИР** *а.* تطهیر *кит.* пок (тоза, покиза) кардан, ба покӣ баровардан.

**ТАФ(Ф)** تف гармӣ, ҳарорат, бухор; **таф додан** сурх кардан, зирбондан.

**ТАФАЗЗУЛ** *а.* تفضل *кит.* лутфу марҳамат, меҳрубонӣ; **тафаззул намудан** меҳрубонӣ карда, чизеро ба касе лутфан додан (бахшидан).

**ТАФАККУР** *а.* تفکر андеша, фикр; ба хаёл (андеша) ғарқ шудан.

**ТАФАҚҚУД** *а.* تفقد 1. меҳрубонӣ, пазирои, меҳрубонӣ кардан. 2. ҷустуҷӯ, кофтуков; пурсупос, аҳволпурсӣ.

**ТАФАРРУҚ** *а.* تفرق аз ҳам ҷудо шудан, пароканда гардидан, парешон шудан; парокандагӣ, парешонӣ.

**ТАФАРРУҶ** *а.* تفرج *кит.* 1. сайру гашт, саёҳат, тамошо. 2. хушҳолӣ, дилхушӣ ва лаззат аз дидани чизе.

**ТАФАРРУҶГОҲ** *а.* تفرج‌گاه ҷои сайругашт.

**ТАФАҲҲУМ** *а.* تفهم *кит.* фаҳмидан, дарк кардан, дарёфтан, пай бурдан.

**ТАФАҲҲУС** *а.* تفحص тафтиш кардан, ҷустуҷӯ кардан, кофтуков кардан; тафтиш, ҷустуҷӯ, кофтуков, ҷустор.

**ТАФБОД** تف باد гармсел.

**ТАФОВУТ** *а.* تفاوت фарқ; дурии байни ду чиз; **бубин тафовути раҳ аз куҷост то ба куҷо** (*зарб.*).

**ТАФОВУТНОК** تفاوتناک фарққунанда, фарқшаванда.

**ТАФОЛА** تفاله бахши боқимондаи моддае монанди мевае, ки обшира ё равғани он гирифта шудааст.

**ТАФОУЛ** *а.* تفاؤل фол гирифтан, фол дидан.

**ТАФОХУР** *а.* تفاخر нозидан ба худ, фахр; **тафохур кардан (намудан)** фахр кардан, болидан ба чизе.

**ТАФОҲУМ** *а.* تفاهم мақсади якдигарро фаҳмидан, ҳамдигарро фаҳмидан; ◊ **ҳусни тафоҳум** мувофиқату созиши пурраи ду тараф, ҳамфикрии ду кас.

**ТАФРЕҲ** *а.* تفریح *кит.* вақтхушӣ, хушӣ.

**ТАФРЕҲОТ** *а.* تفریحات *ҷ.* **тафреҳ**.

**ТАФРИҚА** *а.* تفرقه 1. ҷудо кардан; ҷудоӣ андохтан; ҷудоӣ, парокандагӣ. 2. *маҷ.* парешонӣ.

**ТАФРИҚААНДОЗ** تفرقه‌انداز ҷудоиандоз, пароқандасоз.

**ТАФРИҚААНДОЗӢ** تفرقه‌اندازی ҷудоандозӣ.

**ТАФРИТ** *а.* تفریط кӯтоҳӣ кардан, бепарвоӣ кардан дар коре.

**ТАФС** تفس 1. гармӣ, ҳарорат. 2. гармогармӣ, шиддат, авҷ; **тафси бадан** ҳарорати бадан; **тафс доштан** таб доштан; **тафсидани бозори** *чизе* дар ривоҷу равнақ будани чизе, гарму часпон шудани харидорон ба матое.

**ТАФСИДА** تفسیده гармшуда (*аз гармии офтоб ё аз оташ*); **санги тафсида, дойраи тафсида** доираи бо гармӣ тарангшуда.

**ТАФСИДАН** تفسیدن 1. гарм шудан. 2. дар авҷ будан, авҷ гирифтан: **тафсидани сӯҳбат**. 3. оташин шудан, дар (ба) ғазаб омадан.

**ТАФСИЛ** *а.* تفصیل баёни муфассал, бо тамоми ҷузъиёташ гуфтани чизе, шарҳдиҳӣ; шарҳ; **тафсили воқеа** баёни воқеа бо тамоми ҷузъиёташ; **ботафсил** муфассалан; ҳамаҷониба баён кардан ё шарҳ додан.

**ТАФСИЛАН** *а.* تفصیلاً бо пуррагӣ, бо шарҳу эзоҳ.

**ТАФСИЛӢ** تفصیلی *марбут ба* **тафсил**, пуррагӣ.

**ТАФСИЛНОК** تفصیلناک ботафсил, муфассалтар, бо шарҳу баён.

**ТАФСИЛОТ** *а.* تفصیلات *ҷ.* **тафсил**; ҳамаҷониба баён кардани воқеае, баёни муфассал.

**ТАФСИР** *а.* تفسیر 1. шарҳдиҳӣ, маънидод; шарҳ, баён. 2. тарҷима ва маънидоди Қуръон.

**ТАФСИРА** *а.* تفسیره шарҳи воқеаву рӯйдодҳо дар радиову телевизион ва фарҳангу матбуот.

**ТАФСИРӢ** تفسیری **фарҳанги тафсирӣ** фарҳанге, ки дар он калимаҳо шарҳу эзоҳ дода шуда-

анд; луғат бо шарҳ.

**ТАФСИРКУНАНДА** تفسیرکننده шарҳу эзоҳдиҳанда.

**ТАФСИШ** تفسش гармӣ, ҳарорати баланд: **тафсиши офтоби нимрӯзӣ.**

**ТАФСОН** تفسان 1. тафсида, гарм, ниҳоят гарм; гармшуда (*аз гармии офтоб ё оташ*). 2. авҷ гирифта, гарму ҷӯшон; **тафсон будани сӯҳбат** гарму ҷӯшон (дар авҷ) будани сӯҳбат.

**ТАФСОНДАН** تفساندن 1. аз ҳад зиёд гарм кардан. 2. ба авҷ расондан; **базмро тафсондан** базмро гарм кардан, ба авҷ овардан; **таги гӯши** *касеро* **тафсондан** *маҷ.* ба таги гӯш сахт задан.

**ТАФСОНДАШУДА** تفسانده‌شده гарм шуда, аз ҳад зиёд гармшуда.

**ТАФСОНИДАН** تفسانیدن *ниг.* **тафсондан**.

**тафт** تفت *асоси замони гузаштаи феъл аз* **тафтан**.

**ТАФТ** تفت 1. гармӣ, ҳарорат. 2. *маҷ.* шитобон, бо шитоб.

**ТАФТА** تفته сахт гармшуда, сӯзон, бирён, гудохташуда.

**ТАФТАДИЛ** تفته‌دل 1. он ки дилаш гарм бошад; дилгарм. 2. ғамнок, дилсӯхта, дилафгор, дилфигор, тангдил, он ки дили пур-оташу сӯзон дорад. 3. *маҷ.* ошиқ, дилбаста.

**ТАФТАН** تفتن 1. гарм шудан; тарсон шудан. 2. шитобидан, ба суръат роҳ рафтан.

**ТАФТАҶИГАР** تفته‌جگر *кит.* 1. он ки гирифтори бемориҳои диқ ва таб аст. 2. *маҷ.* ошиқ, ошиқи дилсӯхта ва маҷҳур.

**ТАФТБОД** تفت‌باد *ниг.* **таффбод**.

**ТАФТИШ** *а.* تفتیش 1. кофта дидани чизе; кофтуков; санҷиш. 2. таҳқиқ, истинтоқ, бозпурсӣ.

**ТАФТИШӢ** تفتیشی боби тафтиш, қобили тафтиш.

**ТАФТИШКУНАНДА** تفتیش‌کننده он ки тафтиш мекунад.

**ТАФТИШОТ** *а.* تفتیشات *ҷ.* **тафтиш**.

**ТАФТИШОТӢ** تفتیشاتی *марбут ба* **тафтиш**, шӯъбаҳои масъули тафтиш.

**ТАФТОН** تفتان **:нони тафтон** нони тунуке, ки дар оташи тафсон бирён карда мепазанд.

**ТАФӮР** تفور ҷойи гилнок, ҷойи серлой; ботлоқ.

**ТАФҲИМ** *а.* تفهیم фаҳмондан, фаҳмонда додан; омӯхтан.

**ТАФШИЛА** تفشیله як навъ хӯрокест, ки аз гӯшту пиёз, чормағзу тухму асал тайёр мекунанд.

**ТАХАЙЮЛ** *а.* تخیل *кит.* хаёл, тасаввур; орзу.

**ТАХАЙЮЛОТ** *а.* تخیلات *ҷ.* **тахайюл**.

**ТАХАЛЛУС** *а.* تخلص номи махсус, ки шоир ё нависанда барои худ баргузидааст; лақаб; **тахаллус кардан** дар шеър номи махсуси шеърии худро зикр намудан.

**ТАХАЛЛУФ** *а.* تخلف *кит.* вайрон кардани ваъда, хилофи ваъда, гаштан аз ваъдаи (қавли) худ; **тахаллуф кардан** бар хилофи ваъда амал кардан.

**ТАХАЛЛУФНОПАЗИР** تخلف‌ناپذیر ғайри қобили хилофи ваъда.

**ТАХАЛЛУФПАЗИР** تخلف‌پذیر қобили хилофи ваъда.

**ТАХАЛХУЛ** *а.* تخلخل ҷудо шудани ҷузъҳои чизе аз якдигар, аз ҳам пошида шудан.

**ТАХАССУС** *а.* تخصص дар коре малакаву истеъдод пайдо кардан, ихтисос пайдо кардан дар соҳае, ихтисос.

**ТАХАССУСӢ** تخصصی *марбут ба* **тахассус**; касбӣ, ихтисосӣ.

**ТАХАССУСТАЛАБ** تخصص‌طلب коре, ки тахассус (маҳорати махсус) металабад.

**ТАХИР** تخیر явшон, дармана (*як хел растании худрӯи давоӣ*).

**ТАХЛИС** *а.* تخلیص *кит.* халос кардан, раҳонидан; раҳоӣ, халосӣ.

**ТАХЛИТ** *а.* تخلیط 1. омехтан, омезиш кардан. 2. ба каломи худ суханони бофта ва дурӯғ омехта гуфтан.

**ТАХЛИЯ** *а.* تخلیه холӣ кардан; *маҷ.* пок кардан.

**ТАХМИН** *а.* تخمین 1. он чи ба гумон гуфта шуда бошад. 2. андоза кардани чизе ба ҳадде бидуни тафтишу таҳқиқ ва паймоиши махсус; **аз рӯи тахмини**… ба гумон, аз рӯи ҳадде;

**тахмин кардан (намудан)** қиёс кардан, ба гумон чизеро муайян кардан.

**ТАХМИНАН** *а.* تخميناً тақрибан; аз рӯи гумон ва ҳисоби тахминӣ: **ҷавони тахминан бистсола**.

**ТАХМИНӢ** تخمينى тақрибӣ.

**ТАХМОН** تخمان токҳои калону сербари девори пешгоҳи хона, ки дар он ҷо сандуқ ва дар болои он кӯрпаҳо гузошта мешаванд.

**ТАХОРӢ** تخارى *мансуб ба* **Тахор**; тахористонӣ: **забони тахорӣ**.

**ТАХРИБ** *а.* تخريب *кит.* хароб (вайрон) кардани чизе, ҷое.

**ТАХРИБКОР** تخريبكار тахрибкунанда, харобкор, вайронкор.

**ТАХРИБКОРӢ** تخريبكارى вайронкорӣ, харобкорӣ.

**ТАХСИС** *а.* تخصيص махсус, хос; **тахсис кардан** махсус гардонидан, хос кардан; **ба тахсис** хусусан, алалхусус; **тахсиси маблағ** ҷудо кардани маблағ.

**ТАХТ** I تخت 1. курсӣ ё нишемангоҳи чорпоя аз оҳан ва чӯб. 2. нишемангоҳи махсусе, ки подшоҳ дар маросимҳо бар он менишаст; **тахти равон** тахти махсусе, ки пирон ва беморонро хобонда, чор кас бардошта мебурданд; **аз тахт фуровардан** аз подшоҳӣ бекор кардан; **ба тахт нишастан** ба подшоҳӣ сар кардан.

**ТАХТ** II تخت ҷои ҳамвор ва мусаттаҳ.

**ТАХТ** III تخت *гуфт.* омода, тайёр, муҳайё; **ҳамаи чизҳои даркорӣ тахт шуд; тахт кардан** тайёр кардан, омода намудан; **тахт истодан** *мас.,* рост истодан.

**ТАХТА** تخته 1. чӯби рост буридашудаи ҳамвор. 2. ҳар чизи мусаттаҳ ва ҳамвор (*мас.*, *санг*, *оҳан*). 3. сафҳа, варақ (коғаз). 4. қитъа (*замини кишт*). 5. фарши чӯбини хона. 6. лавҳаи девории хатнависӣ дар дарсхона: тахтаи синф; **тахтаи ифтихор** лавҳаи чӯбине, ки ба девори муассисаҳо зада, дар он номи коргарони пешқадамро менависанд; **тахтаи фармон** тахтае, ки дар муассиса ва идораҳо фармонҳои гуногун барои шиносоии умум дар он овехта мешавад; **ба тахта гирифтан** мавриди маломату сарзаниш қарор додан, танбеҳ кардан; **ба рӯи тахта гирифтан** (**мурдаро барои шустан**) ба рӯи тахтаи мурдашӯӣ гузоштан (*мурдаро*); ◊ **тахтаю тираки худро ғундоштан** аз коре даст кашидан, кореро бас кардан; **тахта шудан (шуда мондан)** шах шуда мондан, мабҳуту мутаҳайир мондан.

**ТАХТАБАНД** تخته‌بند 1. бо тахта басташуда, бо тахта иҳота кардашуда; **тахтабанд кардан дар миёни чор дарё** дар вазъияти ноилоҷонае монондан. 2. *маҷ.* бандӣ, зиндонӣ.

**ТАХТАБАНДӢ** تخته‌بندى 1. бо тахта басташуда. 2. сар то сар баста будани дӯконҳои як шаҳр.

**ТАХТАБАСТ** تخته‌بست *ниг.* **тахтабандӣ**.

**ТАХТАБЕТОН** تخته‌بيتان қитъаҳои аз сангу бетон рехташуда барои сохтмон.

**ТАХТАБОЗӢ** تخته‌بازى шоҳмотбозӣ.

**ТАХТАБУР** تخته‌بر бурандаи тахта, устои бо буридани тахта сару кор дошта.

**ТАХТАБУРӢ** تخته‌بر бурида тайёр кардани тахта аз чӯб.

**ТАХТАВАРҒ** تخته‌ورغ банди об аз чӯб ё аз санг.

**ТАХТАГИН** تخته‌گين *ниг.* **тахтагӣ**.

**ТАХТАГӢ** تختگى аз тахта сохташуда, чӯбин.

**ТАХТАДЕВОР** تخته‌ديوار девори аз тахта сохташуда, девори тахтагӣ.

**ТАХТАКАНА** تخته‌كنه ҳашарае аз ҷинси кана, ки бо хуни инсон, ҳайвонот ва шираи растаниҳо зиндагӣ дорад.

**ТАХТАКАТ** تخته‌كت кати чӯбин.

**ТАХТАКУНҶОРА** تخته‌كنجاره кунҷорае, ки корхонаҳои равған мебарорад.

**ТАХТАКУЛОҲ** تخته‌كلاه *кҳн.* кулоҳи чӯбин, ки ба сари гунаҳкорон пӯшонда, ба хар савор карда барои расво кардан дар кӯчаҳо мегардонданд.

**ТАХТАКӮБ** تخته‌كوب ҷое, ки бо тахта кӯбида шудааст ё фарши хона, ки бо тахта пӯшонида шудааст.

**ТАХТАНАРД** تخته‌نرد *ниг.* **нард**.

**ТАХТАПОРА** تخته‌پاره пораҳои майдаи тахта.

**ТАХТАПУЛ** تخته‌پل 1. пуле, ки аз чӯбу тахта

сохта шудааст. 2. номи даромадгоҳи арки Бухоро.

**ТАХТАПУШТ** تخته‌پشت қисми болои ақиби бадан, пушт.

**ТАХТАПӮСТ** تخته‌پوست *кит.* пўсти ҳайвон, ки дарвешон ва қаландарон ҳамчун зерандоз истифода мебурданд, пўстахта, пўстак.

**ТАХТАПӮШ** تخته‌پوش он чи ба тахта пўшонида шудааст; ◊ **тахтапӯш шудан** дафн шудан (*дар тобут*).

**ТАХТАРАВОҚ** تخته‌رواق тоқ ва равоқи аз чӯбу тахта сохташуда.

**ТАХТАСАНГ** تخته‌سنگ санги калони паҳни ҳамвор.

**ТАХТАСУФА** تخته‌سفه суфаи аз чӯбу тахта сохташуда.

**ТАХТА-ТАХТА** تخته تخته варақ-варақ; қабат-қабат.

**ТАХТАФАРШ** تخته‌فرش фарши бо тахта пӯшондашуда, фарши тахтагӣ.

**ТАХТАЧА** تختچه тахтапора; **тахтачаи таълимӣ** тахтачае, ки дар мактабҳои кӯҳна ба рӯи он ҳарфҳоро навишта ба бача меомӯхтанд.

**ТАХТАЧАБАНДӢ** تختچه‌بندی бастани даст ё пои шикаста бо тахтачаҳо.

**ТАХТАЧАХОНӢ** تختچه‌خانی омӯхтани алифбо (*ҳарфҳои ба тахтача навишташуда*) дар мактаби кӯҳна.

**ТАХТАЧОЙ** تخته‌چای резаҳои ба шакли тахтача фишурдаи чой.

**ТАХТАЧӮБ** تخته‌چوب асо, таёқ, чӯбдаст.

**ТАХТБОМ** تخت‌بام *лаҳч., ниг.* **тахмон.**

**ТАХТГИР** تخته‌گیر *кит., киноя аз* подшоҳи қудратманди тавоно, ки тахтҳоро гираду подшоҳӣ кунад.

**ТАХТГИРӢ** تخته‌گیری *кит.* тахт гирифтан, ба подшоҳӣ расидан.

**ТАХТГОН** تخت‌گان *кит.* 1. маҳал ва ҷойи ҷулуси подшоҳ, тахтахона. 2. *маҷ.* пойтахт, ҷои шаҳнишин.

**ТАХТГОҲ** تخت‌گاه *ниг.* **тахтгон**.

**ТАХТӢ** تختی ҳамворӣ; ҷои мусаттаҳ.

**ТАХТМОН** تختمان *ниг.* **тахмон**.

**ТАХТНИШИН** تخت‌نشین подшоҳ, амир.

**ТАХТНИШИНӢ** تخت‌نشینی маросими ба тахт нишастан.

**ТАХФИФ** *а.* تخفیف сабук кардан; кам кардан.

**ТАҲ** I ته *ниг.* **таг, тахт; аз таҳти дил** аз сидқи дил; **то таҳ** то охир, то қатраи охирин; **дил таҳ кашидан** дил аз хонааш баромадан; тарсидан; **таҳ ғӯтидан** ба таги об рафтан.

**ТАҲ** II ته **:таҳ ба таҳ** қабат ба қабат; **таҳ кардан** пӯшок, кӯрпа ва либосро ҳамвор қат карда мондан; **таҳ карда мондан** а) қат карда (печонда) ба як сӯ гирифта мондан; б) кореро қатъ кардан; **таҳ шудан** қабат ба қабат болои ҳам хобидани чизе; **мижа таҳ кардан** андаке хобидан.

**ТАҲАВВУЛ** *а.* تحول *кит.* гузаштан аз ҳоле ба ҳоле, тағйирёбӣ, дигаргунӣ.

**ТАҲАВВУЛӢ** تحولی дар ҳолати инкишофёбӣ.

**ТАҲАВВУЛОТ** *а.* تحولات *ҷ.* **таҳаввул**.

**ТАҲАВВУР** *а.* تهور *кит.* шуҷоат, далерӣ, далерии аз ҳад зиёд.

**ТАҲАЙЮР** *а.* تحیر ҳайронӣ, тааҷҷуби сахт, ҳайрат, ошуфтагӣ.

**ТАҲАЙЮРАНГЕЗ** تحیرانگیز ҳайратангез, тааҷҷубангез.

**ТАҲАЙЮРОМЕЗ** تحیرآمیز ҳайратомез.

**ТАҲАККУМ** *а.* تحکم *кит.* ҳукмравоӣ бо қувва, ба кор бурдани зӯрӣ; тааддӣ; **таҳаккум доштан** ҳукмраво будан; фармонравоӣ (зӯроварӣ) кардан.

**ТАҲАҚҚУҚ** *а.* تحقّق ба исбот расидан, ҳақиқат шудан, дуруст баромадан (*мас., хабар амалӣ шудан*).

**ТАҲАММУЛ** *а.* تحمل *кит.* тоб овардан ба сахтию душворӣ; тоқату бардошти фавқулода; **таҳаммул доштан** сабр кардан, шикебо будан; **таҳаммул кардан (намудан)** тоқат кардан, тоб овардан.

**ТАҲАММУЛНОПАЗИР** تحمل‌ناپذیر он чи тоқат кардан ба он номумкин ё сахт душвор аст.

**ТАҲАМТАН** تهمتن 1. пурзӯр, тануманд. 2. лақаби Рустам – қаҳрамони «Шоҳнома».

**ТАҲАРРУК** *а.* تحرک ҷунбиш, ҳаракат; кору кӯшиш.

**ТАҲАССУР** *а.* تحسر *кит.* таассуф кардан; дареғ гуфтан; ранҷу андӯҳ бурдан аз ҳасрату дареғ, ғаму ғусса.

**ТАҲБАҒАЛӢ** تهبغلی :**таҳбағалии дарахт** шохча ва навдаҳои зиёдатӣ.

**ТАҲВИЛ** I *а.* تحویل *кит.* 1. супурдан, ҳавола кардан, интиқол додан; **таҳвил додан** супурдан (*мас., кор ё вазифаи худро ба каси дигар*). 2. интиқол ёфтани офтоб аз бурҷи Ҳут ба бурҷи Ҳамал, ки оғози соли нави шамсӣ аст ва дар ин рӯз Наврӯз мешавад; **таҳвили сол** гузаштани соли кӯҳна ба соли нав.

**ТАҲВИЛ** II *а.* تهویل ҳавл ангехтан, тарсондан, ба воҳима андохтан.

**ТАҲВИЛӢ** تحویلی *мансуб ба* **таҳвил** I.

**ТАҲВИЯ** *а.* تهویه расондан ва тағйир додани ҷараёни ҳаво, ҳавохӯрӣ.

**ТАҲГИР** تهگیر 1. бо лой ва гаҷ ҳамвор кардани девор пеш аз андовакунӣ. 2. ранги аввалии пеш аз ранги асосӣ додаи наққош ва рангрезон.

**ТАҲҒАЛБЕР** تهغلبیر он чи зери ғалбер меистад.

**ТАҲДАР** تهدر таги дар: **таҳдари бино**.

**ТАҲДЕВОР** تهدیوار пойдевор.

**ТАҲДИД** I *а.* تهدید тарсондан; дӯғу пӯписа; **таҳдид кардан (намудан)** тарсонидан, ба хавф андохтан;

**ТАҲДИД** II تحدید 1. тез кардан, (*мас., кордро бо санг ё сӯҳон*). 2. ҳадди чизеро нишон додан, ҳадди чизеро маҳдуд кардан, маълум намудан.

**ТАҲДИДГАР** تهدیدگر он ки ё он чизе, ки дигаронро таҳдид менамояд.

**ТАҲДИДКОРОНА** تهدیدکارانه ба таври тарсондан, бо таҳдид, аз рӯи таҳдидкорӣ.

**ТАҲДИДКУНАНДА** تهدیدکننده 1. он чи боиси тарсу ҳарос мешавад, он чи хавфи ҳуҷумоварӣ дорад. 2. он ки дӯғу пӯписа мекунад.

**ТАҲДИДКУНОН** تهدیدکنان тарсонида, дӯғу пӯписа карда; бо таҳдид.

**ТАҲДИДОМЕЗ** تهدیدآمیز бо дӯғу пӯписа.

**ТАҲДИДОМЕЗОНА** تهدیدآمیزانه бо таври таҳдидомез.

**ТАҲДОН** تهدان ҷевон, шкаф.

**ТАҲДОР** تهدار маънодор, пурмаъно; гапи духӯра.

**ТАҲЗИБ** *а.* تهذیب *кит.* 1. ислоҳ (покиза) кардани чизе; **таҳзиби ахлоқ** ислоҳи ахлоқ. 2. номи китоби дарсие дар мадрасаҳои динӣ.

**ТАҲИЯ** *а.* تهیه омода (тайёр) кардани лавозими ягон кор (*мас., асбоби ҷанг*); **таҳия дидан** тайёрӣ дидан, омода шудан; **таҳия кардан (намудан)** тайёр кардан, омода намудан.

**ТАҲИЯГАР** تهیه‌گر 1. омодакунанда. 2. танзимгар.

**ТАҲИЯКУНАНДА** تهیه‌کننده омодакунанда, омодасозанда, таъмингар.

**ТАҲКАШ** ته‌کش он чи шотуи аробаро бо он аз таги дили асп мебанданд.

**ТАҲКИМ** *а.* تحکیم *кит.* маҳкам кардан ё мустаҳкам намудани чизе; **таҳкими робитаҳои дӯстона**; **таҳким шудан** мустаҳкам гардидан.

**ТАҲКИМОТ** *а.* تحکیمات *ҷ.* **таҳким**.

**ТАҲКИМОТӢ** تحکیماتی *мансуб ба* **таҳкимот**.

**ТАҲКУРСӢ** ته‌کرسی қисми таҳихокии девор (бино); бунёд, асос.

**ТАҲҚИҚ** *а.* تحقیق тафтиш намудан; ҳақиқат ва воқеияти чизеро муайян кардан; тафтиш; пажӯҳиш.

**ТАҲҚИҚГАР** تحقیقگر ҷӯянда, илмҷӯ, пажӯҳишгар.

**ТАҲҚИҚӢ** تحقیقی *мансуб ба* **таҳқиқ**; ҷӯёӣ, таҳқиқотӣ, пажӯҳишӣ.

**ТАҲҚИҚКУНАНДА** تحقیق‌کننده пажӯҳанда, ҷӯяндаи дониш.

**ТАҲҚИҚОТ** تحقیقات *ҷ.* **таҳқиқ**; тафтишот, пажӯҳишҳо.

**ТАҲҚИҚОТӢ** تحقیقاتی *мансуб ба* **таҳқиқот**; илмӣ, асоснокӣ.

**ТАҲҚИР** *а.* تحقیر хор доштан, хор шумурдан, ҳақир гирифтан; ҳақорат, хорӣ.

**ТАҲҚИРДИДА** تحقیردیده он ки таҳқиру таадди̅ дидааст, шахсе, ки ҳақорат шунидааст.

**ТАҲҚИРОМЕЗ** تحقیرآمیز ҳақирона, таҳқирона.

**ТАҲҚИРШУДА** تحقیرشده хоршуда.

**ТАҲЛИКА** *а.* تهلکه *ниг.* **таҳлука**.

**ТАҲЛИЛ** *а.* تحلیل усул ва равиши таҳқиқи илми̅ бо роҳи санҷидани ҷиҳатҳои ҷудогона, хосият ва ҷузъҳои таркибии чизе; **таҳлил кардан (намудан)** санҷидан, анализ кардан.

**ТАҲЛИЛГАР** تحلیلگر *ниг.* **таҳлилкунанда**.

**ТАҲЛИЛӢ** تحلیلی *мансуб ба* **таҳлил**: **химияи таҳлилӣ**.

**ТАҲЛИЛКУНАНДА** تحلیلکننده он ки санҷиш ва таҳлили амалеро анҷом медиҳад, таҳлилгар.

**ТАҲЛИЛОТ** *а.* تحلیلات *ҷ.* **таҳлил**.

**ТАҲЛУКА** *а.* تهلکه коре, ки ба ҳалокат боис шуда метавонад; тарс, ҳалокат, нобуди̅; **дар таҳлука андохтан** дар хавфу хатар андохтан; сахт ба ташвиш монондан касеро.

**ТАҲЛУКААНГЕЗ** تهلکه‌انگیز хавфнок, боиси ташвиш ва хатар.

**ТАҲЛУКАНОК** تهلکه‌ناک хавфнок, ташвишнок.

**ТАҲЛУКАОВАР** تهلکه‌آور хавфовар, хатарнок.

**ТАҲЛУКАОМЕЗ** تهلکه‌آمیز хавфомез.

**ТАҲМИЛ** *а.* تحمیل 1. бор кардан, ба зери бор даровардан. 2. *маҷ.* ба касе зиёда аз қувваташ коре фармудан.

**ТАҲМИЛӢ** تحمیلی ба зери бор дароваранда, боршуда; он чи бар хилофи майли касе бар ӯҳдаи ӯ гузошта мешавад.

**ТАҲМОН** ته‌مان ҷои махсуси ковоки девори хона барои мондани сандуқ ва кӯрпаҳо.

**ТАҲНИШАСТА** ته‌نشسته *ниг.* **таҳнишин**.

**ТАҲНИШИН** ته‌نشین 1. лой ва ғуборе, ки ба таги моеот нишастааст. 2. дурда.

**ТАҲНИЯТ** *а.* تهنیت муборакбоди̅ гуфтан; табрик, муборакбод; **таҳният гуфтан** табрик кардан.

**ТАҲОРАТ** *а.* طهارت шустушӯи махсус пеш аз намоз; **таҳорат гирифтан (кардан)** шустушӯ кардан пеш аз намоз; **таҳорати тоза кардан** аз нав таҳорат кардан; **оби таҳорат додан** *маҷ.* иззати касеро ба ҷо овардан.

**ТАҲОРАТХОНА** طهارتخانه 1. ҷои махсус дар шафати масҷидҳо барои таҳорат. 2. мабраз.

**ТАҲОҶУМ** *а.* تهاجم *кит.* ҳуҷум ба ҳамдигар.

**ТАҲОҶУМӢ** تهاجمی *мансуб ба* **ҳуҷум**, ҳуҷуми̅.

**ТАҲПӮШ** ته‌پوش либосе, ки аз таҳ ба тани бараҳна пӯшанд.

**ТАҲПӮШӢ** ته‌پوشی **:ҷомаи таҳпӯшӣ** ҷомаи нисбатан тунуке, ки аз таги ҷома ё чакман мепӯшиданд.

**ТАҲРАНГ** ته‌رنگ ранге, ки бо он ҷои аслии унсурҳо наққоши̅ карда мешавад.

**ТАҲРИБ** *а.* تحریب *кит.* барангехтан, ба хашм овардан.

**ТАҲРИК** *а.* تحریک 1.ҷунбондан ё ба ҳаракат овардан чизеро. 2. иғводиҳи̅, барангехтан ё барошӯбонидан касеро бар зидди касе; фитна, иғво; **таҳрик кардан** барангехтан, иғво кардан.

**ТАҲРИКӢ** تحریکی барангезанда, барошӯбанда.

**ТАҲРИКОМЕЗ** تحریک‌آمیز фитнаомез.

**ТАҲРИМ** *а.* تحریم *кит.* ҳаром гардонидани чизе; манъ кардан ё боздоштан аз коре.

**ТАҲРИМӢ** تحریمی *мансуб ба* **таҳрим**; манъкардашуда.

**ТАҲРИР** *а.* تحریر 1. навиштани чизе, ба қалам овардани чизе. 2. дида баромадан ва ислоҳи чизи навишташудае аз ҷиҳати услуб, иборапардози̅ *ва г.*

**ТАҲРИРАН** *а.* تحریراً ба таври ислоҳи̅.

**ТАҲРИРИЯ** تحریریه **:ҳайати таҳририя** гурӯҳи нависандагони як рӯзнома ё маҷалла, гурӯҳи муҳаррирон, ки мутасаддии таҳрир ва ислоҳи асаре мебошанд.

**ТАҲРИРӢ** تحریری *марбут ба* **таҳрир**, ислоҳи̅.

**ТАҲРИРОТ** *а.* تحریرات *ҷ.* **таҳрир**.

**ТАҲРИРТАЛАБ** تحریرطلب асаре, ки аз ҷиҳати забон ва тарзи таҳрир ислоҳ талаб мекунад.

**ТАҲРИС** *а.* تحریص *кит.* ба ҳирс андохтан; толиб ва роғиб гардонидани касе ба коре, шавқ ва рағбат пайдо кунонидан, тарғиб;

**таҳрис кардан (намудан)** ҳавасманд (роғиб) гардонидан.

**ТАҲРИФ** *а.* تحریف баркасд иваз кардани ҳарфҳои калима, табдил ва тағйир додани сухани (навиштаи) касе.

**ТАҲРИФГАР** تحریف‌گر шахсе, ки калимаҳоро нодуруст иваз мекунад; ивазкунанда, табдилгар.

**ТАҲРИФГАРӢ** تحریف‌گری амали таҳрифгар; калимаҳоро нодуруст иваз кардан; вайронкорӣ дар сохти калима.

**ТАҲРИФКОР** تحریف‌کار *ниг.* **таҳрифгар**.

**ТАҲРИФКОРӢ** تحریف‌کاری амали таҳрифкор; дар калима ва сухан ба таври нодуруст тағйирот ворид сохтан; таҳрифгарӣ.

**ТАҲСИЛ** *а.* تحصیل 1. ба даст овардан ё ҳосил кардани чизе. 2. донишомӯзӣ, омӯхтани илм; **соли таҳсил** соли хониш (*аз аввали сентябр то июн, ки мавсими дарсхонӣ дар мактабҳост*); **таҳсил кардан (намудан)** хондан, дарс омӯхтан.

**ТАҲСИЛДИДА** تحصیل‌دیده хонда; он ки мактабро тамом кардааст, бомаълумот, соҳибмаълумот.

**ТАҲСИЛӢ** تحصیلی *марбут ба* **таҳсил**, омӯзишӣ.

**ТАҲСИЛКАРДА** تحصیل‌کرده *ниг.* **таҳсилдида**.

**ТАҲСИЛОТ** *а.* تحصیلات *ҷ.* **таҳсил**.

**ТАҲСИН** *а.* تحسین таъриф; офарингӯӣ, некӯ гуфтан дар ҳаққи чизе ё касе; **таҳсин гуфтан (кардан)** таъриф кардан, офарин хондан, сутудан.

**ТАҲСИНКОРОНА** تحسین‌کارانه таърифкорона.

**ТАҲСИНОМЕЗ** تحسین‌آمیز бо оҳанги таъриф ва офарингӯӣ.

**ТАҲСИНОНА** تحسینانه ба таври таҳсину таъриф.

**ТАҲСУФА** ته‌سفه суфаи поён.

**ТАҲТ** *а.* تحت зер, таг; **таҳти гап** моҳияти гап, мазмун ва маънои аслии гап; **аз таҳти дил** самимона, сидқӣ.

**ТАҲТАР** ته‌تر чуқуртар.

**ТАҲТОНӢ** تحتانی поёнӣ, зер.

**ТАҲТУЛЛАФЗ** *а.* تحت‌اللفظ калима ба калима, айнан (*мас., тарҷума*).

**ТАҲТУЛЛАФЗӢ** تحت‌اللفظی айнан, калима ба калима: **тарҷумаи таҳтуллафзӣ**.

**ТАҲТӮЛ** تحتول субҳона, субҳонаи сабук, **таҳтӯл кардан** субҳона хӯрдан.

**ТАҲТХОНА** تحت‌خانه *ниг.* **таҳхона**.

**ТАҲУР** *а.* طهور 1. пок, покиза, тоза. 2. *маҷ.* муқаддас.

**ТАҲХОНА** ته‌خانه зербинои хона, хонаи поён, зерхона.

**ТАҲХОНАГӢ** ته‌خانگی *мансуб ба* **таҳхона**.

**ТАҲХОНАДОР** ته‌خانه‌دار хонае, ки таҳхона дорад.

**ТАҲЧӮБКОРӢ** ته‌چوبکاری 1. чизе ва хусусан биное, ки аз зераш чӯбкорӣ кардаанд. 2. *киноя аз* касе, ки дониши рӯякӣ дорад, вале чунин вонамуд мекунад, ки гӯё асоси донишаш мустаҳкам аст.

**ТАҲҶОЙ** ته‌جائی мардуми бумӣ, аслӣ, муқимӣ.

**ТАҲШИН** ته‌شین боқимондаи ягон чиз, моеъ, таҳшиншудаи ягон моеъ.

**ТАҲШИНӢ** ته‌شینی таҳнишаста.

**ТАҲШИНОТ** ته‌شینات *ҷ.* **таҳшин**; он чи аз ҳама охир, масалан дар равғанкашӣ гирифта мешавад, ки бисёр бомаза аст.

**ТАҲШИР** ته‌شیر боқимонда.

**ТАҲШИРӢ** ته‌شیری бақия, охири чизе.

**ТАҶАДДУД** *а.* تجدد *кит.* навӣ, тозагӣ, нав шудан.

**ТАҶАДДУДПАРВАР** تجددپرور тозапарвар, навпарвар.

**ТАҶАДДУДХОҲ** تجدّدخواه навхоҳ.

**ТАҶАЛЛИГОҲ** تجلی‌گاه ҷилвагоҳ, ҷои зуҳур ва ошкор шудани чизе.

**ТАҶАЛЛӢ** *а.* تجلّی ҷилва кардан, ошкору падидор шудан; ҷилва, тобиш.

**ТАҶАЛЛО** *а.* تجلّی *ниг.* **таҷаллӣ**.

**ТАҶАММУЛ** *а.* تجمّل соҳиби молу давлат ва шаъну шавкат нишон додани худ; ҳашамат, шукӯҳ, дабдаба, ҷоҳу ҷалол; **асбоби**

**таҷаммул** воситаҳои шукӯҳу дабдаба, чизу чораи ороишӣ.

**ТАҶАММУЛӢ** تجمّلی ба таври дабдабанок.

**ТАҶАММУЛОТ** *а.* تجمّلات *ҷ* **таҷаммул**.

**ТАҶАММӮЪ** *а.* تجمّع ҷамъ шудан, гирд омадан; маҷлис.

**ТАҶАНГ** تجنگ *гуфт.* оташин, асабӣ; **таҷанг кардан** оташин (асабонӣ) кардан; **таҷанг шудан** асабӣ шудан.

**ТАҶАН (Д)** تجن // تجند *ниг.* **таҷанг**.

**ТАҶАРРУД** *а.* تجرّد *кит.* 1. танҳоӣ. 2. *маҷ.* муҷаррадӣ, безанӣ. 3. гӯшагирӣ, гӯшанишинӣ.

**ТАҶАССУМ** *а.* تجسّم шакли моддӣ (мушаххас) пайдо кардани ғояе, фикре, орзуе; **таҷассум ёфтан** падидор шудан, шакл пайдо кардан; **таҷассум кунондан** равшан ва ошкор (намоён) сохтан.

**ТАҶАССУС** *а.* تجسّس *кит.* ҷустуҷӯ, кофтуков; **таҷассус кардан** ҷустуҷӯ (кофтуков) кардан.

**ТАҶВИД** *а.* تجوید *д.* мувофиқи қоидаҳои талаффузи араб хондани Қуръон ва ибораҳои динии арабӣ.

**ТАҶВИЗ** *а.* تجویز 1. рухсат додан, иҷозат додан, ҷоиз донистан, раво доштан. 2. озмоиш кардан, озмудан; озмоиш.

**ТАҶВИФ** *а.* تجویف миён холӣ кардан, ковок кардан, шикофтан; кофтан (*мас.*, *заминро*).

**ТАҶДИД** *а.* تجدید *кит.* аз нав сохтани чизе, нав кардани чизи мавҷуд.

**ТАҶЗИЯ** تجزیه ба ҷузъҳо ҷудо кардан, ҷудо шудан як ҷисм ба чанд ҷисми содатар.

**ТАҶЗИЯКУНАНДА** تجزیه‌کننده ҷудокунанда, таҳлилкунанда.

**ТАҶЗИЯХОНА** تجزیه‌خانه ҷое, ки моддаҳоро месӯзонанд.

**ТАҶЛИЛ** *а.* تجلیل эҳтиром кардан, бузург шумурдан, бузургдошт.

**ТАҶНИС** *а.* تجنیس 1. ҳамҷинс кардан, монанд кардан. 2. *адш.* овардани ҷинс, истифодаи калимаҳои дар шакл ва талаффуз ба ҳам монанди дорои маънои мухталиф дар як мисраъ ё байт.

**ТАҶОВУЗ** *а.* تجاوز 1. гузаштан аз ҳадди худ, аз андоза хориҷ шудан. 2. мудохилаи мусаллаҳона ба хоки мамлакати дигар. 3. *маҷ.* дасти зӯр кардан.

**ТАҶОВУЗГАР** تجاوزگر ҳамлагар, тааррузгар.

**ТАҶОВУЗКОР** تجاوزکار он ки таҷовуз мекунад (*ба сарзамину хоки бегона*).

**ТАҶОВУЗКОРӢ** تجاوزکاری амали таҷовузкор; таҷовуз кардан.

**ТАҶОВУЗКОРОНА** تجاوزکارانه ба таври таҷовуз, ҳамла.

**ТАҶОРИБ** *а.* تجارب *ҷ.* **таҷриба**.

**ТАҶОҲУЛ** *а.* تجاهل *кит.* худро ба нодонӣ задан ё дониста истода худро бехабар нишон додан; **таҷоҳули ориф** *адш.* тарзи худро қасдан ба нодонӣ зада савол кардани нависанда дар асари бадеӣ.

**ТАҶРИБА** *а.* تجربه озмоиш, санҷиш; озмуда дидани коре; амал; **таҷриба доштан** корозмуда будан; **таҷриба кардан** озмудан, санҷидан, озмуда дидан; **таҷриба ҳосил (пайдо) кардан** маҳорат пайдо кардан, кордида ва корозмуда шуда (*дар соҳае*).

**ТАҶРИБАВӢ** تجربوی озмоишӣ, барои озмоиш.

**ТАҶРИБАГУЗАРОНӢ** تجربه‌گزرانی дар муассиса ё корхонае муддати маълуме кор кардан барои коромӯзӣ; мавриди таҷриба қарор додан.

**ТАҶРИБАДИДА** تجربه‌دیده корозмуда, кордида.

**ТАҶРИБАДОР** تجربه‌دار он ки дар коре омӯхта мебошад; аз моҳияти кор хабардор, корозмуда.

**ТАҶРИБАКОР** تجربه‌کار *ниг.* **таҷрибадида**; **деҳқони таҷрибадида** деҳқони кордон.

**ТАҶРИБАНОК** تجربه‌ناک корозмуда, кордон.

**ТАҶРИБАОМӮЗ** تجربه‌آموز он ки дар корхонае ба коромӯзӣ машғул аст.

**ТАҶРИБАОМӮЗӢ** تجربه‌آموزی амал, касбу пешаи худро дар амал аз худ кардан.

**ТАҶРИБАХОНА** تجربه‌خانه ҷойе, ки он ҷо таҷриба меомӯзанд.

**ТАҶРИД** *а.* تجرید аз дигарон дур кардан, аз дигарон дур гаштан, танҳо мондан.

**ТАҶРИДӢ** تجریدی танҳоӣ.

**ТАҶҲИЗ** *а.* تجهيز ҷиҳозонидану оростан ё омода кардани асбобу лавозимоти коре; **таҷҳиз ёфтан** ҷиҳозонида шудан, бо асбобу анҷоми даркорӣ ороста шудан.

**ТАҶҲИЗОНИДАН** تجهيزانيدن бо таҷҳизоти (асбобу анҷоми) даркорӣ оростан.

**ТАҶҲИЗОНИДАШУДА** تجهيزانيده‌شده муҷаҳҳаз, бо чизҳои даркорӣ таъминшуда: **аз ҷиҳати техникӣ таҷҳизонидашуда**.

**ТАҶҲИЗОТ** *а.* تجهيزات маҷмӯи асбобу анҷом, созу барги даркорӣ.

**ТАШ** I تش *шакли кӯтоҳшудаи* **оташ**.

**ТАШ** II تش *лаҳҷ.* каланд; тешаи калон, пойтеша, табар.

**ТАШАББУС** *а.* تشبث барои иҷрои коре сахт часпидан, бо қатъият аз паи коре шудани касе, ибтикор.

**ТАШАББУСКОР** تشبّث‌كار иқдомкунанда ба иҷрои коре, он ки аз худ ташаббусу ибтикор нишон медиҳад.

**ТАШАББУСКОРӢ** تشبّث‌كارى амали ташаббускор.

**ТАШАВВУҚ** *а.* تشوّق шавқмандӣ, иштиёқ.

**ТАШАДДУД** *а.* تشدّد сахтгирӣ, шиддат; тундӣ.

**ТАШАККУЛ** *а.* تشكّل шакл пайдо кардан ё ба як шакл даромадани чизе.

**ТАШАККУЛЁБӢ** تشكّل‌يابى рушд, инкишофёбӣ.

**ТАШАККУР** *а.* تشكّر шукргузорӣ, сипосгузорӣ, изҳори миннатдорӣ.

**ТАШАККУРНОМА** تشكّرنامه номае, ки дар он барои иҷрои коре сипосгузорӣ баён шудааст.

**ТАШАННУҶ** *а.* تشنّج 1. ларзиш ва ҳаракати беихтиёронаи бадан. 2. *маҷ.* чину оҷинг.

**ТАШАННУҶОВАР** تشنّج‌آور ба ларза оваранда.

**ТАШАТТУТ** *а.* تشتّت *кит.* парешонӣ, парокандагӣ; **ташаттути хотир** парешонии хотир.

**ТАШАФФӢ** *а.* تشفّى *кит.* шифо ёфтан, шифоёбӣ.

**ТАШБЕҲ** *а.* تشبيه монанд кардани чизе ба чизе (*яке аз санъатҳои бадеӣ*); **ташбеҳ кардан** чизеро ба чизе монанд кардан; **ташбеҳи измор** навъи ташбеҳ аст, ки дар он чунин ба назар мерасад, ки нависанда ғайр аз ташбеҳ қасди дигаре дорад, аммо баъд аз диққат маълум мешавад, ки қасдаш ҳамон ташбеҳ будааст.

**ТАШБИБ** *а.* تشبيب *адш.* қисми оғози қасида, ки шоир дар он майю маҳбуба, сӯзу гудози ишқро тасвир намуда, ёде аз ҷавонӣ мекунад.

**ТАШВИҚ** *а.* تشويق овардани шавқу ҳавас; роғиб гардонидан ба коре.

**ТАШВИҚКУНАНДА** تشويق‌كننده рағбаткунанда, шавқангез.

**ТАШВИҚОТ** *а.* تشويقات *ҷ.* **ташвиқ**; тарғиб; **ташвиқот бурдан (кардан)** тарғиб кардан, таблиғот.

**ТАШВИҚОТГАР** تشويقاتگر тарғибгар, таблиғгар.

**ТАШВИҚОТӢ** تشويقاتى таблиғотӣ.

**ТАШВИР** *а.* تشوير 1. шармсорӣ, шармгинӣ. 2. шӯриш, талотум, изтироб, ба ҳаяҷон омадан.

**ТАШВИШ** *а.* تشويش нооромӣ, парешонӣ, ошуфтагӣ; заҳмат; **ба ташвиш андохтан** *касеро* боиси заҳмат ва ошуфтагии касе шудан; **ташвиш додан** бесаранҷом кардан; **ба ташвиш мондан** нотинҷ шудан, парешонхотир шудан.

**ТАШВИШАНГЕЗ** تشويش‌انگيز ба ошуфтагӣ андозанда.

**ТАШВИШДИҲАНДА** تشويش‌دهنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **ташвиш додан**; чизе ё касе, ки бесаранҷомӣ меорад.

**ТАШВИШДИҲӢ** تشويش‌دهى *исми амал аз* **ташвиш додан**; қобили ташвиш.

**ТАШВИШКАШӢ** تشويش‌كشى *исми амал аз* **ташвиш кашидан**; бесаранҷомӣ, ошуфтагӣ.

**ТАШВИШНОК** تشويشناک бесаранҷом; заҳматталаб.

**ТАШВИШОВАР** تشويش‌آور он чи бесаранҷом ва ошуфта мекунад.

**ТАШВИШОМЕЗ** تشويش‌آميز ташвишнок.

**ТАШДИД** *а.* تشديد 1. шиддатнок кардан, сахтгирӣ. 2. *грам.* аломати ташдид дар алифбои арабӣ, ки шиддатнок талаффуз

кардани овоз, ду бор талаффуз кардани онро нишон медиҳад.

**ТАШКИЛ** *а.* تشکیل шакл ва сурат додан ба коре, ё чизе; дуруст кардан, созмон додан **ташкил додан (кардан)** ба вуҷуд овардан, фароҳам овардан; **ташкил ёфтан** ба вуҷуд омадан.

**ТАШКИЛДИҲАНДА** تشکیلدهنده *сифати феълии замони ҳозира аз* **ташкил додан;** созмондиҳанда.

**ТАШКИЛДИҲӢ** تشکیلدهی *исми амал аз* **ташкил додан**; созмондиҳӣ.

**ТАШКИЛӢ** تشکیلی **:кори ташкилӣ** корҳои оид ба созмондиҳӣ.

**ТАШКИЛОТ** تشکیلات идора ё муассисаи давлатӣ ё ҷамъиятӣ; созмонҳои гуногуни ҷамъиятӣ ё давлатӣ.

**ТАШКИЛОТЧИГӢ** تشکیلاتچیگی қобилияти созмон додан ба коре.

**ТАШКИЛОТӢ** تشکیلاتی *мансуб ба* **ташкилот**; ташкилӣ.

**ТАШНА** تشنه 1. он ки ба нӯшидани об эҳтиёҷ дорад. 2. *маҷ.* муштоқ, хоҳон, толиб; **ташна кардан** касеро ба обнӯшӣ роғиб гардонидан (*мас., хӯроки шӯр*); **ташна мондан** об талаб шудан; **ташна шудан** *ба чизе маҷ.* толиб ва роғиб шудан ба коре, ба чизе.

**ТАШНАГИШИКАН** تشنگیشکن рафъкунандаи ташнагӣ.

**ТАШНАГӢ** تشنگی 1. ташна будан, эҳтиёҷ ба об доштан; аташ. 2. беобӣ, хушкӣ. 3. иштиёқ; **ташнагии фаъолият**; **ташнагиро шикастан** рафъи аташ (эҳтиёҷи об) кардан.

**ТАШНАДИЛ** تشنهدل он ки ба чизе рағбати зиёд дорад.

**ТАШНАДИЛӢ** تشنهدلی орзумандӣ, иштиёқ доштан.

**ТАШНАЗАБОН** تشنهزبان *ниг.* **ташналаб**.

**ТАШНАЗАДА** تشنهزده муштоқи об, иштиёқманд ба об.

**ТАШНАКОМ** تشنهکام *ниг.* **ташналаб**.

**ТАШНАКОМӢ** تشنهکامی орзумандӣ, ташнадилӣ, хоҳон ва иштиёқманди чизе будан.

**ТАШНАЛАБ** تشنهلب ташна, обталаб; **биёбони ташналаб** дашти беоб.

**ТАШНАХОР** تشنهخوار он чи ташнагон фурӯ мебарад, бисёр сӯзон, ташнакаш.

**ТАШНАХУН** تشنهخون ташна ба хун, хунхор.

**ТАШНАҲОЛ** تشنهحال гурусначашм, ҳарис.

**ТАШНАЧАШМ** تشنهچشم *кит.* ҳарис, гурусначашм, озманд.

**ТАШНАҶИГАР** تشنهجگر он ки иштиёқи аз ҳад зиёд дорад.

**ТАШНАШИКАН** تشنهشکن 1. рафъкунандаи ташнагӣ. 2. *маҷ.* ҳар чизи андаке, ки иштиёқи ба он чиз бударо андак кам мекунад.

**ТАШНОБ** تشناب ҷои обравдори махсус дар даҳлези хонаҳо барои шустушӯ.

**ТАШРЕҲ** *а.* تشریح 1. шарҳ додан, баён кардан. 2. колбудшиносӣ, анатомия.

**ТАШРЕҲӢ** تشریحی *марбут ба* **ташреҳ**; қобили шарҳу баён, тавзеҳ шуда.

**ТАШРИК** *а.* تشریک *кит.* шарикӣ, ширкат; шарик кунонидан; ҳамдастӣ, ҳамфикрӣ.

**ТАШРИФ** *а.* تشریف бузург доштан, бузургқадр гардонидан; **ташриф овардан** омадан, бо омадани худ сарфароз гардонидан; **ташриф додан** ҷома пӯшонидан, ҷома бахшидан: **ташриф бурдан** рафтан (*дар бораи одами мӯҳтарам*).

**ТАШРИФОВАР** تشریفآور *ниг.* **ташриффармо**.

**ТАШРИФОВАРӢ** تشریفآوری қадам ранҷа карда омадан.

**ТАШРИФОТ** *а.* تشریفات маросими пазироии пуршукӯҳ, пазироӣ.

**ТАШРИФОТӢ** تشریفاتی *марбут ба* **ташрифот**.

**ТАШРИФФАРМО** تشریففرما ташрифовар, он ки бо омадани худ касеро сарфароз мегардонад.

**ТАШТ** تشت//طشت дастшӯй, лаган, тос; **ташти** *касе* **аз бом афтодан** расвои ом шудан, фош гардидани чигунагии касе.

**ТАШТАК** تشتک *тасғири* **тошт**; дастшӯяк, лаган, тос.

**ТАШТГАР** تشتگر *кит.* он ки ташт месозад.

**ТАШХИС** *а.* تشخیص *кит.* муайян кардан ё дониста гирифтани чизе; **ташхиси беморӣ**, **ташхис додани дард**.

**ТАШХИСОТ** *а.* تشخیصات *ҷ.* **ташхис**.

**ТАШҲИР** *а.* تشهیر машҳур гардонидан; **ташҳир кардан** *д.* расвои ом кардан, гунаҳкорро ба хар ё гов савор карда, дар шаҳр намоиш додан.

**ТАЪБИР** *а.* تعبیر 1. баён. 2. иборате, ки матлаберо баён мекунад; **ба таъбири дигар** ба ибораи дигар, дигар хел карда гӯем. 3. хоби дидаи касеро тафсир кардан: **таъбири хоб.**

**ТАЪБИРГАР** تعبیرگر баёнгари хоб.

**ТАЪБИРГӮЙ** تعبیرگوی он ки хобро таъбир мекунад.

**ТАЪБИРДИҲАНДА** تعبیردهنده шарҳдиҳандаи хоби касе.

**ТАЪБИРДОН** تعبیردان донандаи баёни хоб.

**ТАЪБИРКУНАНДА** تعبیرکننده тафсирдиҳандаи хоб.

**ТАЪБИРНОМА** تعبیرنامه *кҳн.* китоб ё рисолае, ки дар он чӣ гуна таъбир кардани хоб баён ёфтааст.

**ТАЪБИЯ** *а.* تعبیه *кит.* 1. оростан ё омода кардан (-и сипоҳ ба ҷанг). 2. нишондан, ҷой додан, ҷойгирӣ.

**ТАЪВИЗ** I *а.* تعویذ дуоҳои бар коғаз навиштае, ки аҳли хурофот барои дафъи бало ё захми чашм ба бозу ё гардан мебанданд, тӯмор, бозубанд.

**ТАЪВИЗ** II *а.* تعویض *кит.* 1. иваз. 2. товон; мукофот.

**ТАЪВИҚ** *а.* تعویق бо таъхир андохтан, таъхир, дермонӣ.

**ТАЪВИЛ** I *а.* تأویل *кит.* тафсир, баён.

**ТАЪВИЛ** II *а.* تعویل 1. бо садои баланд гиря кардан, мадад хостан. 2. такя кардан ба чизе.

**ТАЪДИБ** *а.* تأدیب *кит.* адабомӯзӣ; тарбия; гӯшмол (*барои кори баде*).

**ТАЪДОД//ТЕЪДОД** *а.* تعداد шумор, ҳисоб; миқдор.

**ТАЪЗИМ** *а.* تعظیم иззат, ҳурмат; хам шуда салом додан ба бузургон.

**ТАЪЗИР** *а.* تعزیر *кит.* ҷазодиҳӣ (бо задан); коҳиш кардан; **таъзир кардан** ҷазо додан, задан.

**ТАЪЗИЯ(Т)** *а.* تعزیه//تعزیت 1. тасаллӣ додан ба муносибати мотам; ҳамдардӣ баён кардан ба мотамзадае; **таъзият баён кардан** ба мотамзадае тасалло баён кардан (дилдорӣ додан). 2. азодорӣ, мотам гирифтан.

**ТАЪЙИД** *а.* تأیید *кит.* қувватдиҳӣ, мададрасонӣ; тасдиқ; **таъйид кардан** қувват додан, тасдиқ кардан.

**ТАЪЙИН** *а.* تعیین 1. муайян кардан(-и ҳадди фосила). 2. касеро гумоштан ба коре; **таъйин кардан (намудан)** а) касеро ба коре гумоштан б) муқаррар намудан; **таъйин шудан** а) гумошта шудан (*ба иҷрои вазифае*); б) муқаррар карда шудан; **таъйин будан** ҳатмӣ (аниқ, ногузир) будан.

**ТАЪЙИННОМА** تعییننامه ҳуҷҷат дар бораи гумошта шудани касе ба коре.

**ТАЪЙИНОТ** *а.* تعیینات 1. муайян кардани одамон ба вазифаҳо. 2. супоришҳо ва таъкидҳо.

**ТАЪКИД** *а.* تأکید 1. аниқ кардани фикр ё сухане бо такроран гуфтани он, собит кардани сухани пеш гуфташуда бо далелҳо; **таъкид ёфтан** ба такрор аниқ ва қувватноктар шудан (-и фикре); **таъкид кардан (намудан)** дубора аниқтар карда гуфтан (*суханеро*). 2. исрор кардан, истодагарӣ кардан.

**ТАЪКИДАН** *а.* تأکیداً бо таври ҷиддӣ гуфтан.

**ТАЪКИДӢ** تأکیدی *марбут ба* **таъкид**, ба таври таъкидона.

**ТАЪҚИБ** *а.* تعقیب афтодан аз паи коре (чизе), дунболагирӣ; пайгирӣ: **таъқиб кардан**.

**ТАЪҚИБКУНАНДА** تعقیبکننده дунболагиранда, поянда, аз паи касе раванда.

**ТАЪҚИБОТ** *а.* تعقیبات *ҷ.* **таъқиб**.

**ТАЪҚИБОТӢ** تعقیباتی ба таври дунболагарӣ.

**ТАЪЛИМ** *а.* تعلیم омӯхтани дониш, ёд додани чизе ба касе; **таълим гирифтан** аз касе чизеро ёд гирифтан; **таълим додан** ба касе чизе ёд додан; **асбоби таълим** асбоб ва таҷҳизоте, ки дар мактабҳо барои омӯзиши аёнӣ лози-

манд.

**ТАЪЛИМГИРИФТА** تعلیم‌گرفته соҳиби маълумот буда, донишгирифта.

**ТАЪЛИМГИРӢ** تعلیم‌گیری омӯзиш.

**ТАЪЛИМГОҲ** تعلیم‌گاه ҷое, ки дарс мехонанд, мактаб.

**ТАЪЛИМДИДА** تعلیم‌دیده шахси маълумотдор.

**ТАЪЛИМДИҲӢ** تعلیم‌دهی таълим додан, ёд додан, омӯзиш.

**ТАЪЛИМӢ** تعلیمی *мансуб ба* **таълим**: **барномаи таълимӣ**.

**ТАЪЛИМОТ** *а.* تعلیمات 1. *ҷ.* **таълим.** 2. нишон додани роҳ ва тариқаи амал; нишондоди амалкард; **таълимот гирифтан** *аз касе* дар бораи коре нишондоди даркорӣ гирифтан; **таълимот додан** тариқи чӣ гуна амал карданро ба касе нишон додан. 3. ақида, ғоя.

**ТАЪЛИМХОНА** تعلیم‌خانه ҷое, ки таълим медиҳанд, мактабхона; ◊ **таълимхонаи адаб** зиндон, ҳабсхона.

**ТАЪЛИФ** *а.* تألیف 1. фароҳам овардан ва ба ҳам пайвастани чанд чиз. 2. навиштани ягон асари илмӣ ё адабӣ.

**ТАЪЛИФКУНАНДА** تألیف‌کننده шахсе, ки асар менависад, эҷод мекунад.

**ТАЪЛИФОТ** *а.* تعلیفات *ҷ.* **таълиф**; маҷмӯи навиштаҳои касе.

**ТАЪМ** *а.* طعم маза, мазаи чизе, ки аз чашидани он пайдо мешавад (талхӣ, ширинӣ, шӯрӣ *ва г.*) **таъми** *чизеро* **чашидан**.

**ТАЪМИД** I *а.* تعمید :**ғусли таъмид** *д.* мувофиқи маросими махсус дар калисо ғусл додан.

**ТАЪМИД** II *а.* تعمید қасд кардан, қасдан коре кардан.

**ТАЪМИМ** *а.* تعمیم *кит.* умумиятдиҳӣ, умумӣ гардонидан, ба ҳам шомил гардондани чизе.

**ТАЪМИН** *а.* تأمین 1. омин гуфтан ба дуои касе. 2. амният додан ба касе, хотирҷамъ кардани касе; **таъмини маош (маишат)** омода сохтани васоили зиндагӣ; **таъмин будан** муҳайё будани васоили кор ва зиндагӣ барои касе; **таъмин кардан (намудан)** эмин ва хотирҷамъ гардонидан касеро ба васоили зиндагӣ ё аз рӯй додани хатаре; **таъмин шудан (гардидан)** эмин ва осуда шудан; ба воситаҳои кор ва зиндагӣ соҳиб шудан.

**ТАЪМИНГАР** تأمینگر он ки таъмин мекунад.

**ТАЪМИНКУНАНДА** تأمین‌کننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **таъмин кардан**; амнияти касеро ҳифз кардан, таъмингар.

**ТАЪМИНОТ** *а.* تامینات 1. *ҷ.* **таъмин**; амният, бехавфӣ; хотирҷамъ кардани касе: **таъминоти иҷтимоӣ**. 2. барои касе, коре чизҳои заруриро муҳайё кардан.

**ТАЪМИНОТӢ** تامیناتی *мансуб ба* **таъминот**; амниятӣ, хотирҷамъӣ.

**ТАЪМИР** *а.* تعمیر 1. обод (иморат) кардан. 2. ислоҳ кардани шикасту рехти бино; **таъмир кардан**.

**ТАЪМИРБОБ** تعمیرباب таъмирталаб.

**ТАЪМИРГАР** تعمیرگر он ки таъмир мекунад.

**ТАЪМИРГОҲ** تعمیرگاه ҷое, ки баъзе дастгоҳҳоро таъмир мекунанд.

**ТАЪМИРОТ** *а.* تعمیرات *ҷ.* **таъмир**.

**ТАЪМИРТАЛАБ** تعمیرطلب эҳтиёҷманд ба таъмир: **иморати таъмирталаб**.

**ТАЪН** *а.* طعن айбгирӣ; сарзаниш, коҳиш; **таъну лаън** коҳиш ва маломат.

**ТАЪНА** *а.* طعنه сарзаниш, маломат, коҳиш; **таъна задан (кардан)** айб гирифтан, маломат кардан; сарзаниш ва хоҳиш кардан; **таъна шунидан** мавриди коҳишу маломат гаштан.

**ТАЪНАБОРОН** طعنه‌باران :**таънаборон кардан** коҳишу маломати зиёд кардан касеро.

**ТАЪНАЗАН** تعنه‌زن он ки таъна мезанад, маломатгар, айбҷӯй, бадгӯй.

**ТАЪНАЗАНӢ** طعنه‌زنی таъна кардан.

**ТАЪНАОМЕЗ** طعنه‌آمیز бо коҳишу маломат.

**ТАЪНАОМЕЗОНА** طعنه‌آمیزانه маломатомезона.

**ТАЪНАСОР** طعنه‌سار маломати мардум шудан.

**ТАЪРИФ** *а.* تعریف 1. ситоиш, таҳсин. 2. шиносондан ё огоҳонидан (*дар бораи чизе*), бо шарҳу эзоҳ чизеро шиносонидан.

**ТАЪРИФА** *а.* تعریفه низоми меъёрбандӣ, ки аз рӯи он барои хизматрасонӣ маблағ ситонида мешавад.

**ТАЪРИФГАР** تعریفگر таърифкунанда.

**ТАЪРИФДӮСТ** تعریفدوست он ки сутуда шуданро (таърифро) нағз мебинад.

**ТАЪРИФӢ** تعریفی шоёни таъриф, сазовори таърифу ситоиш.

**ТАЪРИФНОМА** تعریفنامه хислатнома (ҳуҷҷат); тавсифнома.

**ТАЪРИФОТ** *а.* تعریفات *ҷ.* **таъриф**.

**ТАЪРИХ** *а.* تأریخ 1. илм дар бораи инкишофи ҷамъият ва табиат; шарҳу баёни силсилаи воқеа ва ҳодисаҳо бо тартиби санаи вуқӯи онҳо. 2. китобе, ки дар он воқеаҳо бо тартиби вуқӯъ зикр ёфтаанд; **Таърихи Бухоро, Таърихи Табарӣ**. 3. санаи вуқӯи ҳодисае; **таърихи фармон; таърихи навишта шудани асар**. 4. *маҷ.* саргузашт.

**ТАЪРИХАН** *а.* تأریخاً аз рӯи таърих.

**ТАЪРИХДОН** تاریخدان воқиф аз воқеоти гузашта, касе, ки таърихро хуб медонад.

**ТАЪРИХДОР** تأریخدار ҳуҷҷате, ки таърихи (соли навишти) он маълум мебошад; **марсияи таърихдор** марсияе, ки дар он солу моҳи вафоти касе зикр ёфтааст.

**ТАЪРИХӢ** تأریخی 1. *мансуб ба* **таърих**, баҳскунанда аз таърих: **романи таърихӣ**. 2. ҳодисаи қобили зикр дар таърих; **ҳуҷҷати муҳимми таърихӣ; аҳамияти таърихӣ доштан** дорои аҳамият будан, қобили зикр дар таърих будан. 3. таърихдор; **одами таърихӣ** одами дар гузашта машҳур; **бинои таърихӣ** бинои қадимае, ки аз ҷиҳати таърихи гузашта аҳамият дорад.

**ТАЪРИХНАВИС** تأریخ نویس он ки воқеаҳои гузаштаро қайд мекунад, муаллифи асари таърихӣ.

**ТАЪРИХНАВИСӢ** تأریخ نویسی ба навиштани воқеаҳо машғул шудан.

**ТАЪРИХНИГОР** تأریخنگار *ниг.* **таърихнавис**.

**ТАЪРИХНИГОРӢ** تأریخنگاری *ниг.* **таърихнависӣ**.

**ТАЪРИХНОМА** تأریخنامه номаи таърихӣ, китобе оид ба воқеаҳои гузашта.

**ТАЪРИХЧӢ** تأریخچی *гуфт.* муаррих, таърихнавис; мутахассиси фанни таърих.

**ТАЪРИХШИНОС** تأریخشناس мутахассиси илми таърих, таърихдон.

**ТАЪРИХШИНОСӢ** تأریخشناسی илме, ки таърихро меомӯзад.

**ТАЪСИР** I *а.* تأثیر 1. асар ва нишона гузоштан дар чизе; нуфуз. 2. зарб, асар. 3. амал; **таъсир бахшидан** асар гузоштан, асар кардан; **таъсир гузоштан** *ниг.* **таъсир бахшидан; таъсир кардан (намудан)** асар (нуфуз) кардан, корӣ шудан.

**ТАЪСИР** II *а.* تعسیر *кит.* душвор сохтан, мушкил кардан.

**ТАЪСИРБАХШ** تأثیربخش асаркунанда, амалкунанда, муассир.

**ТАЪСИРБАХШО** تأثیربخشا *ниг.* **таъсирбахш**.

**ТАЪСИРНОК** تأثیرناک муассир, нуфузнок.

**ТАЪСИРНОКӢ** تأثیرناکی ботаъсир, асарбахш.

**ТАЪСИРНОПАЗИР** تأثیرناپذیر бетаъсир, беасар.

**ТАЪСИРНОПАЗИРӢ** تأثیرناپذیری таъсирнобахшанда.

**ТАЪСИРОТ** *а.* تأثیرات *ҷ.* **таъсир**.

**ТАЪСИРПАЗИР** تأثیرپذیر таъсиргиранда, мутаассиршаванда.

**ТАЪСИРПАЗИРӢ** تأثیرپذیری таъсиргирандагӣ, таъсир пазируфтан.

**ТАЪСИРРАСОНАНДА** تأثیررساننده таъсирбахшанда.

**ТАЪСИРРАСОНӢ** تأثیررسانی расонидани таъсири худ ба чиз ё воқеаи дигар.

**ТАЪСИС** *а.* تأسیس бино кардан, бунёд гузоштан ва чизе; **таъсис ёфтан (шудан)** бино шудан; барпо гардидан; **таъсис кардан (намудан)** бино кардан, барпо намудан.

**ТАЪСИСДИҲАНДА** تأسیسدهنده бинокунанда, барпокунанда, муассис.

**ТАЪТИЛ** *а.* تعطیل истироҳат, ба муддати маълум мутаваққиф шудани машғулиятҳо дар мактабҳо барои дамгирӣ; **рӯзи таътил** рӯзи истироҳат; **таътил шудан** мутаваққиф шудан (*кор, машғулият*).

**ТАЪХИР** *а.* تأخیر ба қафо андохтани коре; дер кашидан (дер омадан) ба ҷое, дермонӣ, да-

ранг; **ба таъхир андохтан** ба қафо монон-дан (*иҷрои кореро*); **таъхир кардан** дер мондан, дер омадан.

**ТАЪХИРНОПАЗИР** تأخیرناپذیر он чи ба қафо андохтанаш номумкин аст.

**ТАЪХИРНОПАЗИРӢ** تأخیرناپذیری ба қафо андохтанашаванда.

**ТАЪҶИЛ** *а.* تعجیل шитоб кардан; шитоб, аҷала.

**ТАЪҶИЛӢ** تعجیلی шитобталаб, фаврӣ; таъхирнопазир; **ёрии таъҷилии тиббӣ** дастаи махсуси тиббӣ барои фавран мадад расонидан дар мавриди фалокатҳои ногаҳонӣ; **чораи таъҷилӣ** чораи фаврӣ, илоҷи таъхирнопазир.

**ТАЯММУМ** *а.* تیمم *д.* ба ҷо овардани таҳорат бо хок ё рег дар мавриди набудани об.

**ТАЯММУН** *а.* تیمن ба фоли нек гирифтану муборак донистани чизе.

**ТЕ** ت *номи ҳарфи чоруми алифбои арабиасоси тоҷикӣ, ки дар ҳисоби абҷад ба 400 баробар аст.*

**ТЕАТР** *лот.* تأتر 1. санъати намоиш додани асари драмавӣ дар саҳна. 2. биное, ки дар он асари драмавӣ ба намоиш гузошта мешавад.

**ТЕАТРДӮСТ** تأتردوست он ки тамошои асарҳои саҳнавиро дӯст медорад.

**ТЕАТРӢ** تأتری *мансуб ба* **театр**.

**ТЕАТРШИНОС** تأترشناس мутахассис ва коршиноси риштаи театршиносӣ.

**ТЕАТРШИНОСӢ** تأترشناسی илме, ки бо омӯхтани масъалаҳои санъати театрӣ машғул аст.

**ТЕБ** تیب *кит.* саргашта, овора, ҳайрон, шитобзада.

**ТЕВ** تیو *кит.* тоб, тавоноӣ, қувват, қудрат, тоқат.

**ТЕВАНА** تیونه *гуфт.* сӯзани калон барои дӯхтани чизҳои дурушт, ҷуволдӯз.

**ТЕГИН** تگین *гуфт.* муфт, бепул, ройгон.

**ТЕГИНХӮР** تگین‌خور *гуфт.* муфтхӯр, туфайлӣ.

**ТЕҒ** تیغ 1. шамшер, ханҷар. 2. поку, устураи сартарошӣ; **теғу ташт** *маҷ.* нур ва офтоб. 3. лабаи тез ва бурандаи шамшер, корд, поку *ва г*; дами тези олатҳои буранда. 4. шона дар дастгоҳи бофандагӣ, ки торҳои чизи бофтанӣ аз даруни он мегузарад; **аз дами теғ гузарондан** куштан, қатл кардан; **теғ задан** а) бо шамшер зада қатл кардан, шамшер задан; б) ҷангидан; **худро ба теғу табар задан** ба ҳеҷ сахтӣ ва монеа нанигариста, ба коре иқдом кардан, худро ба обу оташ задан; **теғ кашидан** шамшер аз ғилоф баровардан, ба ҷанг баромадан; **теғ рондан** теғ (поку) ба кор бурдан, бо устура тарошидан (*мӯйро*); **теғ кашида нигоҳ кардан** бо нигоҳи тунду тез бар касе (чизе) нигаристан.

**ТЕҒА** تیغه 1. ҳар чизи монанди теғ тез ва бураннда; дами корд, ханҷар *ва г.*. 2. баландии кӯҳ, нӯги кӯҳ, қулла. 3. ҷои баланди ҳар чиз: **теғаи бинӣ, теғаи рег**. 4. шуоъ, партав; **теғаи офтоб** шуои офтоб, партави хуршед. 5. дами корд, дами шамшер.

**ТЕҒАДОР** تیغه‌دار қулладор; **бинии теғадор** бинии уқобӣ.

**ТЕҒАКМОНАНД** تیغک‌مانند монанд ба устура, покушакл.

**ТЕҒАФРӮЗ** تیغ‌افروز *кит.* ҷилодиҳандаи шамшер, шамшеррез, кордсоз.

**ТЕҒАФШОН** تیغ‌افشان *кит.* афшонандаи шамшер, шамшерзани моҳир.

**ТЕҒБАНД** تیغبند он ки теғ ба камар мебандад, ҳарбӣ, сипоҳӣ.

**ТЕҒБАЛАНД** تیغبلند дорои теғаи калон будан, қуллаи баланд доштан (кӯҳ).

**ТЕҒБОЗ** تیغباز *кит.* теғзан, шамшербози моҳир, кордбоз.

**ТЕҒБОЗӢ** تیغبازی *кит.* шамшербозӣ, кордзанӣ, бо шамшер ҷангидан.

**ТЕҒБОРОН** تیغباران *кит.* ҷангу набарди сахт бо шамшер, бороне аз шамшеру теғ.

**ТЕҒДОР** تیغدار дорандаи теғ, аҳли шамшер; ҷанговар.

**ТЕҒЗАН** تیغزن *кит.* шамшерзан, кордзан, ҷанговар.

**ТЕҒӢ** تیغی *мансуб ба* **теғ**; дорои теғу корд.

**ТЕҒКАШӢ** تیغکشی аз ғилоф баровардани шамшер, баромадан ба ҷанг.

**ТЕҒОЗМОЙ** تیغ‌آزمای *кит.* шамшерзан,

ҷанговар.

**ТЕҒОРОЙ** تیغ‌آرای *кит.* моҳиру чобук дар шамшерзанӣ.

**ТЕҒПАРТОФТА** تیغ‌پرتافته теғдоршуда, қиррадоршуда.

**ТЕЗ** تیز 1. бурро, буранда (корд, шамшер); *муқоб.* **кунд**. 2. нӯги ҳар чизе, ки борик ва тунук тарошида шуда бошад. 3. зуд, боишитоб; **тезтар биёед** ҳаял накунед. 4. сареъ; сареъгуфтор, суръатнок. 5. он чӣ таъм ва бӯяш забон ва димоғро ба сӯзиш меорад, тунд. 6. *маҷ.* одами тундмиҷоз, зудхашм; он ки зуд аз ҳолати эътидол баромада, асабӣ мешавад; **тезу тунд** бо касе бо хашм рафтор кардан, бо муҷодала пардохтан бо касе; **ақли зеҳни тез** зудфаҳм, ҳушёр, зуд дарёбанда; **бозори тез** бозори часпон, серхаридор; **забони тез** *маҷ.* гуфтори тунду талхи нешдор; **нигоҳи тез** нигоҳи гиро, нигоҳи пуртаъсир; нигоҳи тунди хашмолуд; **нури тез** рӯшноии баланди нуфузкунанда, рӯшноии баланд; **оташи тез** оташи баланд, оташи сӯзон; **қуллаи тез** қуллаи нӯгборик; **тез кардан** а) чарх доштан, сӯҳон кардан, бурро гардонидан (*лаб ё нӯги чизеро монанди корд, найза ва г.*); б) барангехтан, шӯрондан касеро бар зидди касе; хашмгин (асабонӣ) кардан; **тез шудан** а) бурро шудан, буранда гардидан; б) ба шӯр омадан, хашмгин шудан; оташин шудан.

**ТЕЗБИН** تیزبین бодиққат, ҳамаро зуд фарогиранда; *маҷ.* мушоҳидакор, дақиқназар; **чашми тезбин**.

**ТЕЗБИНӢ** تیزبینی зудбинандагӣ, зудбинӣ.

**ТЕЗБОЛ** تیزبال тезпар, парандае, ки парвози сареъ дорад, тезпарвоз.

**ТЕЗБОЗОР** تیزبازار бозори гарму пурмуштарӣ, бозоре, ки серодаму пурбор аст, бозори боравнақ.

**ТЕЗБОЗОРӢ** تیزبازاری *маҷ.* гарм будани бозор, пурравнақии бозор.

**ТЕЗБӮ(Й)** تیزبو(ی) он чи бӯйи тез дорад, монанди сирпиёз, пиёз *ва г.*

**ТЕЗВАҶД** تیزوجد зуд ба ваҷд оянда, он ки зуд ба ҷӯшу хурӯш меояд.

**ТЕЗВИР** تیزویر *кит.* тезҳуш, баҳуш, тезфаҳм.

**ТЕЗГАЗАК** تیزگزک ҳашараи сиёҳчаи хурдтараке, ки ба бадани одам сахт неш мезанад.

**ТЕЗГАР** تیزگر устои тезкунанда.

**ТЕЗГАРД** تیزگرد тезрафтор, сареърафтор; бо суръати зиёд роҳраванда: **қатораи тезгард**.

**ТЕЗГАРДӢ** تیزگردی сареърафторӣ, чолокӣ дар рафтор.

**ТЕЗГИР** تیزگیر он ки ва он чи чизеро ба чолокӣ ба даст медарорад; тезчангол (*паранда*).

**ТЕЗГОМ** تیزگام *кит.* тезрафтор, чобукрав, тундрафтор.

**ТЕЗГУДОЗ** تیزگداز зуд гудохташаванда, осонгудоз, зудгудоз.

**ТЕЗГУЗАР** تیزگزر зуд гузаранда, зуд тайшаванда; нопойдор.

**ТЕЗГУФТОР** تیزگفتار он ки бо шитоб ва зуд-зуд гап мезанад.

**ТЕЗГӮШ** تیزگوش он ки гӯши шунаво дорад; он, ки ҳама чизро ба гӯш мегирад; **суханчинони тезгӯш.**

**ТЕЗГӮША** تیزگوشه *риёз.* дорои гӯшаи тез, тезкунҷа.

**ТЕЗДАВ** تیزدو даванд, зуд даванда.

**ТЕЗДАМ** تیزدم 1. касе ё ҳайвоне, ки нафасаш тезу сӯзон аст. 2. корд ё асбобе, ки дамаш тез аст.

**ТЕЗДАНДОН** تیزدندان он ки дандони буранда (гузаранда) дорад.

**ТЕЗДАРГИРАНДА** تیزدرگیرنده тезоташгиранда.

**ТЕЗДАСТ** تیزدست чолок, чобук, ӯҳдабаро.

**ТЕЗДАСТӢ** تیزدستی чолокӣ, чобукӣ, ӯҳдабароӣ.

**ТЕЗЗАБОН** تیززبان он ки забонаш (гуфтораш) тунду нешдор аст, тундгуфтор.

**ТЕЗЗАБОНӢ** تیززبانی тундгуфторӣ, сахтгуфторӣ, сахтгӯӣ.

**ТЕЗЗЕҲН** تیزذهن бофаросат, зирак, ҳушёр.

**ТЕЗЗЕҲНӢ** تیزذهنی фаросатнокӣ, зиракӣ, ҳушёрӣ.

**ТЕЗИС** *ю.* تزیس фикри асосие, ки муаллиф ё нотиқ дар таълиф ё баромади худ онро исбот, таъкид, ё рад кардан мехоҳад; баёни мухтасари фикр ва мулоҳизаҳои асосии як

асар ё суханронӣ.

**ТЕЗӢ** تیزی 1. бурроғӣ, бурандагӣ. 2. суръат. 3. тундӣ (*дар таъм ва бӯ*). 4. баландӣ, нуфузкунандагӣ (*овоз, рушноӣ*). 5. *маҷ.* тундмиҷозӣ, асабоният, ғазабнокӣ, хашмгирӣ; **ба тезӣ, бо тезӣ** а) бо суръат; б) бо зудӣ, бо шитоб; **тезӣ кардан** хашмгин шудан, дуруштрафторӣ кардан, асабонӣ шудан.

**ТЕЗКИН** تیزکین бадкина, бадҷаҳл, кинагир.

**ТЕЗКОР** تیزکار чобукдаст; он, ки дар иҷрои кор чолоку чаққон аст.

**ТЕЗКОРӢ** تیزکاری корро тез анҷом додан, чолокӣ.

**ТЕЗКУНАНДА** تیزکننده тезонанда касеро бар зидди касе.

**ТЕЗКУНҶА** تیزکنجه кунҷи тез.

**ТЕЗМАҒЗ** تیزمغز зудранҷ, зуд хашмгиншаванда.

**ТЕЗМИЗОҶ** تیزمزاج зудхашм, тундмизоҷ.

**ТЕЗНАВИС** تیزنویس он ки бо суръат менависад, дар навиштан чобукдаст.

**ТЕЗНАВИСӢ** تیزنویسی тез китобат кардан.

**ТЕЗНИГОҲ** تیزنگاه он ки нигоҳи тезу гиро дорад.

**ТЕЗНОХУН** تیزناخون *ниг.* **тезчангол**.

**ТЕЗНӮЛ** تیزنول тезминқор, парандае, ки минқори бурровy гузаро дорад.

**ТЕЗОБ I** تیزآب оби тез, оби ҷараёнаш босуръат, оби тез ҷоришаванда.

**ТЕЗОБ II** تیزآب асид, кислота, маҳлули кислота; кислотаи азотӣ.

**ТЕЗОБА** تیزآبه *ниг.* **тезоб I**.

**ТЕЗОБДИҲАНДА** تیزآبدهنده 1. тез об додан. 2. он ки филизотро бо кислота обутоб медиҳад.

**ТЕЗОБДИҲӢ** تیزآبدهی тезоб додани филизҳо.

**ТЕЗОБӢ** تیزآبی *мансуб ба* **тезоб**; тезобзада.

**ТЕЗОБХӮРДА** تیزابخورده асидхӯрда: **филизи тезобхӯрда**.

**ТЕЗОН(И)ДАН** تیزاندن//تیزانیدن 1. суръати чизеро афзудан, сареътар гардонидан. 2. *маҷ.* шӯронидан (*касеро ба муқобили касе*).

**ТЕЗПАЗ** تیزپز зудпаз: **хӯроки тезпаз, меваи тезпаз**.

**ТЕЗПАЗАК** تیزپزک мевае, ки нисбат ба ҳамнавъони худ зудтар мепазад.

**ТЕЗПАЙКОН** تیزپایکان *кит.* пайкони тез ва зуд фурӯраванда, пайконе, ки нӯгаш бисёр борику тез аст.

**ТЕЗПАР** تیزپر *ниг.* **тезпарвоз**.

**ТЕЗПАРВОЗ** تیزپرواز он чи бо суръат мепарад.

**ТЕЗПО** تیزپا *ниг.* **тезрафтор**.

**ТЕЗРАВ** تیزرو он ки тез роҳ меравад; зудгарданда, бо суръат ҳаракаткунанда (*мас., мошин*).

**ТЕЗРАВӢ** تیزروی зудравӣ, тундравӣ, зудгардандагӣ, тез роҳ гаштан.

**ТЕЗРАНҶ** تیزرنج зудранҷ; он ки аз чизе хеле ба осонӣ ва зуд озурдахотир мешавад.

**ТЕЗРАФТОР** تیزرفتار *ниг.* **тезрав**.

**ТЕЗСАЙРОН** تیزسیران *ниг.* **тезрафтор**.

**ТЕЗСУРЪАТ** تیزسرعت баландсуръат, он чи суръати зиёд дорад (*мас., ҳавопаймо*).

**ТЕЗТАК** تیزتک тезрафтор (асп), бодпо, даванд.

**ТЕЗ-ТЕЗ** تیزتیز 1. зуд-зуд, бо суръат; шитобон. 2. дам ба дам; бисёр.

**ТЕЗУТУНД** تیزوتند 1. шадид, муташанниҷ. 2. хашмгин, ғазаболуд.

**ТЕЗФАҲМ** تیزفهم ҳушёр, заковатманд.

**ТЕЗФАҲМӢ** تیزفهمی қобиляти зуд дарк кардани матлабе, заковатмандӣ, ҳушёрӣ.

**ТЕЗФИКР** تیزفکر *ниг.* **тезфаҳм**.

**ТЕЗФИКРӢ** تیزفکری *ниг.* **тезфаҳмӣ**.

**ТЕЗХАШМ** تیزخشم он ки зуд хашм мегирад, тундхӯй.

**ТЕЗҲАРАКАТ** تیزحرکت зудҳаракат.

**ТЕЗҲАРАКАТӢ** تیزحرکتی зудҳаракатӣ.

**ТЕЗҲУШ** تیزهوش ҳушёр, зирак, зудфаҳм, заковатманд.

**ТЕЗЧАНГ** تیزچنگ 1. *ниг.* **тездаст**. 2. *ниг.* **тезчангол**.

**ТЕЗЧАНГОЛ** تیزچنگال дорои панҷаи сахту гиро (*сифати парандаи гӯштхӯр*).

**ТЕЗЧАШМ** تیزچشم *ниг.* **тезбин**.

**ТЕЗЧАШМӢ** تیزچشمی чашми тез (бино) доштан.

**ТЕЗЧОП** تیزچاپ он чи ки тез чоп карда мешавад.

**ТЕЗҶАРАЁН** تیزجریان сифати дарё, ки обаш босуръат ҷараён дорад: **тезоб**.

**ТЕЗШИКАН** تیزشکن зудшикан.

**ТЕЗШИКАНӢ** تیزشکنی ба зудӣ шикастан.

**ТЕЗШУНАВ** تیزشنو *ниг.* **тезгӯш**.

**ТЕКТОНИКА** *ю.* تیکتانیکه *геол.* яке аз соҳаҳои илми геология, ки бо омӯхтани сох-ти қишри Замин, қонунияти ҳаракат ва тағйироти он машғул аст.

**ТЕКТОНИКӢ** تیکتانیکی *геол. мансуб ба* сохти қишри Замин ва ҳодисаҳое, ки дар он рӯй медиҳад: **ҳодисаи тектоникӣ** зилзила.

**ТЕЛА** تیله *гуфт.* такон; **тела додан (кардан)** такон додан.

**ТЕЛАДИҲӢ** تیله‌دهی *гуфт.* тела додан, (*махсусан, дар издиҳоми зиёди одамон, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ*).

**ТЕЛБА** تلبه *гуфт.* 1. саросема, шитобкор. 2. ноқисулақл; **телба кардан** касеро саросема кардан, ҳадаҳа кунонидан; **телба шудан** саросема шудан, сари ҳисоби худро гум кардан, чӣ кор кардани худро надониста мондан.

**ТЕЛБАГӢ** تلبگی *гуфт.* саросемагӣ, ҳаросонӣ; шитобкорӣ.

**ТЕЛБАКОР** تلبه‌کار *гуфт.* он ки дар иҷрои коре саросема мешавад ва шитоб мекунад; он ки кореро бемулоҳиза, насанҷида ва ҳадаҳа ба ҷо меорад.

**ТЕЛБАКОРӢ** تلبه‌کاری кори ҳадаҳа, саросема.

**ТЕЛЕБАРНОМА** تله‌برنامه барномаи симоӣ (телевизионӣ).

**ТЕЛЕВИЗИОН** *лот.* تلویزیان соҳаи илм, техника ва фарҳанг, ки барои тавассути дастгоҳҳои радиоэлектронӣ ба масофа интиқол додани тасвир мусоидат мекунад.

**ТЕЛЕВИЗИОНӢ** تلویزیانی он чи ки тариқи телевизион пахш мегардад.

**ТЕЛЕВИЗОР** *лот.* تلویزار дастгоҳи экрандор барои гирифтани намоишҳои телевизионӣ.

**ТЕЛЕГРАММА** *ю.* تلگرمه *ниг.* **барқия**.

**ТЕЛЕГРАФ** *ю.* تلگرف системаи дастгоҳҳои техникии махсус барои мухобира (хабардиҳӣ) аз масофаи дур (*дастгоҳи фиристанда, дастгоҳи гиранда ва симҳои васл*).

**ТЕЛЕГРАФӢ** تلگرفی 1. *мансуб ба* **телеграф**. 2. ба воситаи телеграф; **агентии телеграфӣ** муассисаи додан ва гирифтани ахбор ба воситаи телеграф; **алоқаи телеграфӣ** мухобира ба воситаи телеграф. **мухобироти телеграфӣ** алоқаи телеграфӣ; хабар фиристодан ва гирифтан ба воситаи телеграф.

**ТЕЛЕГРАФХОНА** تلگرفخانه ҷое, ки дастгоҳҳои телеграфӣ насб шудааст ва ахбори телеграфӣ қабул карда мешавад.

**ТЕЛЕДАСТГОҲ** تله‌دستگاه дастгоҳи телевизионӣ.

**ТЕЛЕМАНОРА** تله‌مناره манораи телевизионӣ.

**ТЕЛЕМЕТР** *ю.* تله‌متر дурсанҷ, асбоб барои андозагирии масофа.

**ТЕЛЕМЕТРӢ** تله‌متری *мансуб ба* **телеметр**.

**ТЕЛЕМЕХАНИКА** *ю.* تله‌مخنیکه идора кардани амалиёти истеҳсолӣ ва назорат бар онҳо аз масофаи дур ба воситаи васоили махсус; соҳаи илме, ки бо ин кор машғул аст.

**ТЕЛЕМЕХАНИКӢ** تله‌مخنیکی *мансуб ба* **телемеханика**.

**ТЕЛЕСКОП** *ю.* تلسکاپ дурбини калони астрономӣ барои расад кардани ситораҳо ва ҷисмҳои осмонӣ.

**ТЕЛЕСКОПӢ** تلسکاپی *марбут ба* **телескоп**.

**ТЕЛЕСТУДИЯ** *ю.* تله‌ستودیه студияи телевизион; маркази намоишҳои телевизионӣ.

**ТЕЛЕТАЙП** *англ.* تله‌تیپ дастгоҳе аз қабили мошинкаи хатнависӣ, ки ахбори телеграфиро худ менависад.

**ТЕЛЕТАЙПӢ** تله‌تیپی ба таври худнависӣ.

**ТЕЛЕФОН** *ю.* تلفان дастгоҳи махсус барои интиқоли овоз аз масофаи дур ба воситаи симҳо ва қувваи барқ; **телефон гузарондан**

алоқаи телефонӣ барпо кардан; **телефон кардан** гап задан бо телефон; ◊ **телефони дастӣ** дастгоҳи махсусе, ки алоқаро бе сим пайваст мекунад.

**ТЕЛЕФОНӢ** تلفانی *мансуб ба* **телефон**; ба воситаи телефон; **алоқаи (гуфтугӯи) телефонӣ** гуфтугӯ, мухобира ба воситаи телефон.

**ТЕЛЕФОННИГОШТ** تلەفاننگاشت хабари расмӣ, ки мазмуни он ба воситаи телефон дода мешавад; хабари телефонӣ.

**ТЕЛЕФОНЧӢ** تلفانچی *гуфт.* корманди телефон; он ки дар сари дастгоҳи робитаи телефонӣ кор мекунад ва мухобиракунандагонро бо ҳам мепайвандад.

**ТЕЛПАК** تلپک каллапӯши пӯстӣ (*аз мӯина*).

**ТЕЛПАКДОР** تلپکدار дорои телпак, он ки дар сар телпак дорад: **телпаки қароқӯлӣ** каллапӯши аз пӯсти қароқӯлӣ дӯхташуда.

**ТЕЛПАКДӮЗ** تلپکدوز дӯзандаи каллапӯшҳои пӯстӣ.

**ТЕЛПАКДӮЗӢ** تلپکدوزی амали (кори) телпакдӯз, дӯзандае, ки аз пӯст ва мӯина пӯшиши сар медӯзад.

**ТЕЛПАКМӮЙ** تلپکموی он ки мӯи ғулии телпакшакл дорад.

**ТЕМОР** تیمار 1. ғам, андӯҳ, ғусса. 2. ғамхорӣ, парасторӣ, нигоҳубин: **темор кашидан** ғам хӯрдан, андӯҳгин шудан.

**ТЕНДЕР** *англ.* تندر ба даст овардани шартнома ба воситаи гузаронидани музоядаҳо.

**ТЕНДЕРӢ** تندری *мансуб ба* **тендер**, ба воситаи тендер.

**ТЕННИС** *англ.* تینس *варз.* бозии варзишӣ байни ду кас бо ракетка ва тӯбчаи майда.

**ТЕННИСБОЗ** تینسباز иштироккунанда дар бозии теннис, бозингари теннис.

**ТЕННИСБОЗӢ** تینسبازی бозии теннис.

**ТЕНОР** *ит.* تنار 1. баландтарин овози мардона. 2. соҳиби чунин овоз.

**ТЕОДОЛИТ** *ю.* تیآدالیت асбоби геодезии зовиясанҷ, кунҷсанҷ.

**ТЕОКРАТИЯ** *ю.* تیآکرتیه як тарзи давлатдорӣ, ки дар он ҳокимияти сиёсӣ дар дасти руҳониён мебошад.

**ТЕОЛОГИЯ** *ю.* تئالاگیه илми илоҳиёт, илми дин; фиқҳ, диншиносӣ.

**ТЕОРЕМА** *ю.* تیاریمه 1. фикр кардан, дида баромадан. 2. *риёз.* даъво ва иддаое, ки ба далелҳо исбот мешавад; қазия.

**ТЕППА** تپه 1. баландӣ, пуштаи баланд баромада аз замин, тал. 2. болои (фарқи) чизе; **теппа-теппа** талу теппаҳои ба таври паиҳам омада.

**ТЕППАДОР** تپەدار дорои баландӣ, дорои теппаҳо, пуштаву баландиҳо.

**ТЕППАКӮҲ** تپەکوه талу теппаи доманаи кӯҳмонанд.

**ТЕППАЧА** تپەچه тали на чандон баланд.

**ТЕРАПЕВТ** *ю.* ترپوت *тиб.* пизишки бемориҳои дарунӣ, пизишки бемориҳои дохили бадан, дармоншинос.

**ТЕРАПЕВТӢ** تراپوتی *тиб.* дармоншиносӣ, оид ба касалиҳои дарунӣ: **шӯъбаи терапевтӣ.**

**ТЕРАПИЯ** *ю.* تراپیه *тиб.* яке аз соҳаҳои асосии тиб, ки бе дорую дармон муолиҷа кардани касалиҳои даруниро меомӯзад.

**ТЕРГАВ** *т.* ترگو *гуфт.* истинтоқ, бозпурсӣ, тафтиш ва маълум кардани шароити вуқӯи ҷиноятe; **тергав кардан** аз касе гап гирифтан; **ба тергав афтодан** мавриди истинтоқ ва бозпурсӣ қарор гирифтан, ба маҳкамаи даҳлдори тафтиш ҷалб карда шудан (*барои истинтоқ*).

**ТЕРМЕКС** *ю.* ترمیکس дастгоҳи гармидиҳанда.

**ТЕРМИТ** *лот.* ترمیت 1. *зоол.* мӯриёна. 2. *тех.* омехтаи алюминӣ бо оксиди оҳан, ки аз сӯзондани он ҳарорати баланд ҳосил мешавад.

**ТЕРМИН** *лот.* ترمین *ниг.* **истилоҳ**.

**ТЕРМОГРАФ** *ю.* ترماگرف гармосанҷ, асбоб барои ба таври автоматӣ қайд кардани тағйироти ҳарорат.

**ТЕРМОГРАФИЯ** *ю.* ترماگرفیه гармосанҷӣ.

**ТЕРМОДИНАМИКА** *ю.* ترمادینمیکه *физ.* фасли физика, ки хосиятҳои умдаи мувозинати ҳарорати системаҳо, ҷараёни мувозинат ва ба намудҳои дигар табдил ёфтани энергияи

ҳароратро тадқиқ менамояд.

**ТЕРМОДИНАМИКӢ** *ю.* ترمادنمیکی *мансуб ба* **термодинамика**.

**ТЕРМОМЕТР** *ю.* ترمامتر ҳароратсанҷ.

**ТЕРМОС** *ю.* ترماس обдони махсус барои дар як ҳарорати муайян нигоҳ доштани гармии моеи дарунаи он.

**ТЕРМОЯДРОӢ** ترمایدرای **:реаксияи термоядроӣ** реаксияи табдили ҳастаҳои ҳидроген (обзо) ба ҳастаҳои унсурҳои муқтадиртари дигар: **яроқи термоядроӣ**.

**ТЕРРАКОТА** *ит.* تره‌کاته маснуоти сафолӣ.

**ТЕРРАРИУМ** تره‌ریوم бино барои ҳифзи хазандаҳо.

**ТЕРРОР** *лот.* ترار ситам ва ҷазои ҷисмонӣ (*куштан, ҳабс ва бадарга*) бар муқобили мухолифони сиёсӣ; кору амали бераҳмона (*бар муқобили мухолифони сиёсӣ*); ҷабру фишор, нобуд ва зӯроварӣ барои мағлуб кардани мухолифони сиёсӣ.

**ТЕРРОРИЗМ** *лот.* تراریزم сиёсати тарсондан ва фурӯ нишондани душманони сиёсӣ, мазҳабӣ *ва г.* бо роҳи зурӣ, нобудсозӣ ва куштор.

**ТЕРРОРИСТ** *лот.* ترارییست тарафдор ё иштироккунанда дар нобудсозӣ ва дигар амалиёти террористӣ.

**ТЕРРОРИСТӢ** ترارستی *мансуб ба* **террорист**; **амали террористӣ**.

**ТЕХНИК** *ю.* تخنیک 1. мутахассиси соҳаи техника. 2. мутахассисе, ки маълумоти миёнаи техникӣ дорад.

**ТЕХНИКА** *ю.* تخنیکه 1. маҷмӯи воситаҳои фаъолияти инсон, ки дар ҷараёни инкишофи истеҳсолот дар ҷомеа ҷамъ шудааст. 2. *тех.* маҷмӯи техника, мошину таҷҳизот *ва г.* 3. маҷмӯи малака, намуд ва тарзҳои пешбурди истеҳсолоти риштаи муайян; **техникаи сохтмон, техникаи ҷамъоварии ҳосил**.

**ТЕХНИКАДОН** تخنیکه‌دان мутахассиси яке аз соҳаҳои техника.

**ТЕХНИКАПАРАСТ** تخنیکه‌پرست он ки техникаро мепарастад.

**ТЕХНИКАПАРАСТӢ** تخنیکه‌پرستی парастиши техника, дӯст доштани техника.

**ТЕХНИКӢ** تخنیکی *мансуб ба* **техника**; **адабиёти техникӣ** китобҳо оид ба техника; **муҳаррири техникӣ** он ки масъули сохти техникии китоб аст.

**ТЕХНОЛОГ** *ю.* تخنالاگ мутахассиси соҳаи технология дар истеҳсолот, фановар.

**ТЕХНОЛОГИЯ** *ю.* تخنالاگیه маҷмӯи донишҳо оид ба тарз ва василаҳои ҷорӣ кардани ҷараёнҳои истеҳсолӣ; фановарӣ.

**ТЕХНОЛОГӢ** تخنالاگی *мансуб ба* **технология**.

**ТЕША** تیشه афзори оҳании болғашакли дамаш тез (*барои чӯбтарошӣ ё заминканӣ*); **теша задан** бо теша кор кардан (*чӯб тарошидан ва г.*); **ба пои (решаи)** *касе* **теша задан** *маҷ.* ба нобудии касе кӯшидан; **теша ба сӯи худ задан** *маҷ.* тамаъкор будан; ҳар корро ба нафъи худ кардан.

**ТЕЪДОД//ТАЪДОД** *а.* تعداد *ниг.* **таъдод**.

**ТИБ(Б)** *а.* طب маҷмӯи донишҳо оид ба бемориҳо, тарзи муолиҷа ва роҳҳои пешгирии онҳо, пизишкӣ.

**ТИБ** طب 1. бӯи хуш, форам; ◊ **бӯи тиб** бӯи хуш, хушбӯй. 2. покӣ, покизагӣ: **тиби хулқ** покизагии хулқ, хушхулқӣ.

**ТИББӢ** طبی *мансуб ба* **тиб**; **ҳамшираи тиббӣ** зане, ки дар касалхона беморонро парасторӣ мекунад, парастор; **ёрии тиббӣ** ташкилоте, ки дар мавриди рӯй додани ягон фалокат ё бемории ногаҳонӣ ба имдоди тиббӣ мешитобад.

**ТИБИТ** تبیت мӯи нарму нозуке, ки дар зери пари мурғон ё зери пашми бағали чорпоён мерӯяд ва аз нахи он матоъҳои латифу нозук мебофанд.

**ТИБИТӢ** تبیتی аз тибит бофташуда.

**ТИБҚ** *а.* طبق мувофиқ, мутобиқ: **тибқи**... мувофиқи... аз рӯи...

**ТИЗ** تیز *кит.* боде, ки аз шимол мебарояд, боди шикам.

**ТИК** تک матои бадошти ғафси нахӣ, ки раҳҳои рангоранг дорад.

**ТИККА** I تکه порае аз чизе, пора, парча; **як тикка нон, тикка-тикка** пора-пора; **тикка-тикка кардан** *чизеро* пора-пора кардан, ба порчаҳои майда ҷудо намудан; **тикка-тикка**

**шудан** пора-пора шудан; ◊ **тиккаи муҳаббат** он чи аз хӯрокворӣ ба касе дода мешавад (*барои бурдан ба хона*), залла.

**ТИККА** II تکه *гуфт.* рост; фароз; *муқоб.* **нишеб**.

**ТИҚҚОНДАН** تقاندن *гуфт.* зӯран даровардан, фурӯ бурдан (*чизеро ба ҷойе*) чизеро бо зӯр ва фишор ба ҷойе ҷо кардан; даровардан.

**ТИҚҚОНЧ** تقانچ *гуфт.* даҳанбанди шиша.

**ТИҚ-ТИҚ** طق-طق *тақлиди овозӣ*, садои пасти чизе; **тиқ-тиқи соат** садои кор кардани соат; **тиқ-тиқ кардан дарро** оҳиста задан (кӯбидан) дарро.

**ТИЛИМ** طلم *гуфт.* як қисми буридашудаи на чандон калони харбуза ё тарбуз, карч; **як тилим харбуза** як карч харбуза.

**ТИЛИСМ** *а.* طلسم таъвиз ва ҷодуе, ки фолбин ва ҷодугарон навишта медиҳанд ва ба эътиқоди хурофотӣ гӯё он дорандаашро аз балову озор нигоҳ медорад ё ба вай бахт ва кушоиши кор меорад; **тилисми** *чизеро* **шикастан** а) ботил ва бетаъсир гардонидани тилисм (ҷоду); б) *маҷ.* душвории кореро бартараф кардан; **тилисм бастан** ҷоду кардан: **тилисми ҳайрати авҳом** а) лавҳаҳои фикру хаёлот; б) олами ваҳмҳои ботил.

**ТИЛИСМБАНД** طلسم‌بند ҷодугар.

**ТИЛИСМБОН** طلسمبان он ки сирри тилисмро (ҷодуро) дар даст дорад; **аждаҳои тилисмбон** аждаҳои мавҳуме, ки гӯё посбони ганҷҳои тилисм аст.

**ТИЛИСМШИКАН** طلسم‌شکن он ки тилисмро бетаъсир ва бекор мегардонад; **Эраҷи тилисмшикан** қаҳрамони достони халқӣ.

**ТИЛ(Л)О** طلا 1. унсури химиявӣ, филизи гаронбаҳои зардранг; зар, зари холис, зари сурх; **тил(л)ои рег** тил(л)ое, ки заршӯён ба воситаи шустани рег ҳосил кардаанд; **тил(л)ои сафед** *маҷ.* пахта; **тил(л)ои сиёҳ** *маҷ.* нафт ва ангиштсанг. 2. *таър.* воҳиди пул.

**ТИЛ(Л)ОБАРКАШ** طلابرکش *гуфт.* хеле гаронбаҳо ва баландқадр, он чи баробари зар қадр дорад, бисёр қимат; **тил(л)обаркаш кардан** хеле дақиқ вазн кардан.

**ТИЛ(Л)ОВОРӢ** طلاواری асбобҳои зиннат ва ороиши аз тил(л)о сохташуда.

**ТИЛ(Л)ОГИН** طلاگین аз тил(л)о сохташуда.

**ТИЛ(Л)ОГУН** طلاگون монанди тил(л)о.

**ТИЛ(Л)ОДОР** طلادار он ки тил(л)о дорад ва он чи дар таркиби худ тил(л)о дорад; **реги тил(л)одор** реге, ки дар он зарраҳои тил(л)о омехтааст.

**ТИЛ(Л)ОЗАМИН** طلازمین *маҷ.* замини ҳосилхези пурбаракат.

**ТИЛ(Л)ОӢ** طلائی *мансуб ба* **тил(л)о**; аз тил(л)о сохташуда; **асри тил(л)оӣ** даврони равнақу дурахшандагӣ.

**ТИЛ(Л)ОКАМАР** طلاکمر 1. камарбанди тил(л)оӣ. 2. он ки камарбанди тил(л)оӣ бастааст. 3. *маҷ.* мансабдор.

**ТИЛ(Л)ОКОВ** طلاکاو 1. он ки бо кофтан ва ёфтани тил(л)о машғул аст. 2. коргари кони тил(л)о; заршӯй.

**ТИЛ(Л)ОКОВӢ** طلاکاوی кофтани тил(л)о, ҷустуҷӯи тил(л)о.

**ТИЛ(Л)ОКОР** طلاکار 1. устои асбобу анҷоми зинатии тил(л)оӣ; заркӯб. 2. он чи бо тил(л)о оро дода ё андуда шудааст.

**ТИЛ(Л)ОКОРӢ** طلاکاری заркӯбӣ, ба рӯяш оби тил(л)о давондашуда, зарандуд.

**ТИЛ(Л)ОКӮБ** طلاکوب 1. бо тил(л)о орододашуда, зарандуд; **зулфҳои тил(л)окӯб** овезаҳои зарандуди лаҷоми асп. 2. кӯбандаи тил(л)о, устои зарандудкор, тил(л)окор, заркӯб.

**ТИЛ(Л)ОКӮБӢ** طلاکوبی заркӯбӣ, тил(л)окорӣ.

**ТИЛ(Л)ОНОК** طلاناک дорои тил(л)о; он чи дар таркибаш тил(л)о ҳаст (*мас., рег.*) дорад.

**ТИЛ(Л)ОРАНГ** طلارنگ ба ранги тил(л)о, зард; **мӯи тил(л)оранг** мӯи зарди рахшон.

**ТИЛ(Л)ОХЕЗ** طلاخیز ҷое, ки аз он тил(л)о ба даст меояд; **водии тил(л)охез** минтақае, ки хоки ҳосилноки пурманфиате дорад.

**ТИЛЛО** طلا *ниг.* **тил(л)о**.

**ТИЛМОЧ** *т.* تیلماچ *гуфт.* тарҷумон, бештар тарҷумони лафзӣ.

**ТИЛЛОАНДУД** طلااندود он чи ба рӯяш оби тил(л)о давонда шудааст, зарандуд.

**ТИЛЛОВАТ** تلاوت бо оҳанг ва қироати махсус

хондани Қуръон; **тилловат кардан**.

**ТИЛЛОЯ** طلایه 1. *ниг.* **талоя**. 2. чизи молидашаванда, марҳам.

**ТИМ I** تیم 1. растаи болопӯшида. 2. корвонсарой.

**ТИМ II** تیم ғам, андӯҳ.

**ТИМ III** *англ.* تیم дастаи варзишӣ: **тими мунтахаби футбол**.

**ТИМОҒ//ТИМОҚ** *т.* تماغ//تماق *гуфт.* илтиҳоби пардаи луобии димоғ, ки боиси гирифтагии бинӣ ва резиши об аз он мешавад, зуком, назла; **тимоғ шудан** зуком шудан.

**ТИМОР** تیمار *кит.* парасторӣ ва нигоҳубин ба одами бемор; *ниг.* **темор**.

**ТИМОҶ** تیماج пӯсти перосташуда, навъи чарми нозук.

**ТИМСОЛ** *а.* تمثال 1. сурат, расм. 2. монанд кардан чизеро ба чизи дигаре; **тимсоли…** ба мисли…, ба монанди.. .

**ТИМСОҲ** *а.* تمساح сусмори калонҷуссаи обӣ.

**ТИМЧА** تمچه растаи танг ва хурди болопӯшида.

**ТИН** I *а.* تین анҷир.

**ТИН** II *т.* تین *кҳн.* тангаи хурдтарини пул дар муомилот, садяки сӯм; **тин ба тин** хеле аниқ ва муайян; **як тин ҳам нест** пул тамоман нест; **ба як тин ҳам намеарзад** хеле беқадр аст.

**ТИН III** *а.* طین хок, гил, лой.

**ТИНАТ** *а.* طینت ниҳод, табиат; хулқ, сиришт.

**ТИНГ-ТИНГ** تنگ تنگ *тақлиди овози* асбобҳои торӣ (*мас.*, *танбӯр*); **тинг-тинг кунондан танбӯрро** танбӯрро оҳиста-оҳиста ба садо даровowарда

**ТИНҶ** *т.* تنج *гуфт.* осуда, осоишта; ором; **тинҷ будан** осуда будан; осудаҳол будан; **тинҷ кардан** касеро ором кардан, осуда гардонидан: **тинҷ шудан** осуда шудан.

**ТИНҶӢ** تنجی *гуфт.* осудагӣ, осоиштагӣ; оромӣ; сулҳ.

**ТИП** I *ю.* تیپ *кҳн.* 1. навъ, хели чизе, ки аломатҳои хос дорад (*мас., тип – навъҳои асосии муносибатҳои истеҳсолӣ*). 2. образи бадеие, ки хислатҳои характерноки умумиятдодашудаи як гурӯҳ одамонро дарбар дорад.

**ТИП** II تیپ :**тип-торик** тамоман торик.

**ТИПОЛОГИЯ** *ю.* تیپالاگیه таснифот аз рӯи ин ё он аломату нишонаҳои умумӣ; умумият.

**ТИПОЛОГӢ** تیپولوژی *мансуб ба* **типология**.

**ТИПСОЗӢ** تیپسازی *адш.* офарандаи об- разҳои типии бадеӣ.

**ТИР** I تیر 1. чӯби рости борике, ки ба як нӯгаш оҳани нӯгтезе шинонда, бо камон мепартофтанд. 2. гулӯлае, ки бо милтиқ, тӯп *ва г.* партоб мекунанд, (мепарронанд); **тир андохтан** а) партоб кардани тир (*ба воситаи камон, милтиқ, тӯп ва г.*); б) *маҷ.* таъна задан, пичинг, гап паррондан; **тир задан** паррондан, холӣ кардан (тирро аз туфанг); **тир бар санг расидан (хурдан)** ба мақсад ноил нашудан; аз коре ноумед шудан; **тир хӯрдан** маҷрӯҳ шудан; **тир ба нишон расидан** ҳосил шудани мақсад, ба даст даромадани чизи матлуб; **ба як тир ду нишон (сайд, шикор) задан** дар айни замон ду корро кардан; **тир хок хӯрдан** ба ҳадаф нарасидани тир; ба даст надаромадани мақсад; **тир аз камон ҷаст–ҷаст** кор, ки аз кор гузашт, пушаймонӣ ва чораҷӯӣ фоида надорад: **тири ахтардӯз** тири дуррав; **тиру камон** а) қавси қузаҳ; б) абрӯву мижгони ёр.

**ТИР** II تیر 1. чӯби ғафси дарозе, ки дар бинокорӣ ба кор меравад, болор. 2. меҳвар; **тири ароба** оҳане, ки чархҳои ароба ба ду тарафи он гузаронида мешавад; **тири ош** чӯби дарози лӯндаи тарошидашудае, ки бо он хамирро мекушоянд, тирак; **ё тир мекафад ё чувоз** (*зарб.*).

**ТИР** III تیر *нуҷ.* 1. сайёраи Уторид, ки дар илми ситорашиносии бостон ба шакли котиб, дабир тасвир мегардид; **тири фалак** *киноя аз* Уторид. 2. моҳи чоруми соли шамсӣ, ки ба 22 июн – 22 июл рост меояд.

**ТИР** IV تیر фасли сол, ки баъд аз тобистон ояд, тирамоҳ.

**ТИР** V تیر ҳисса, баҳра, насиба, қисмат.

**ТИР VI**تیر биёбон.

**ТИРА** I تیره 1. торик, тор; сиёҳ. 2. гилолуд,

ғайрисоф (*об*); **бахти тира** бахти сиёҳ, бахти бад, бахти шум; **хоки тира** хоки сиёҳ; **чашми тира** чашми хира; чашми қувваи бинояш кам; **ҳавои тира** ҳавои гирифта (абрнок); **тира гаштан (шудан)** а) торик (хира) шудан; б) гилолуд шудан; в) бад шудан, шиддат пайдо кардан (муносибат, робита); **тира гаштани ақл** халал пайдо намудани ақл, ошуфтагии ақл; **тира кардан** торик кардан; гилолуд кардан; **тираву тор** сахт торик, торику сиёҳ.

**ТИРА** II طیره *кит.* 1. сабукӣ. 2. хиҷил, шарманда.

**ТИРААҚЛ** تیره‌عقل ошуфтаақл, он ки қувваи ақлиаш халал пайдо кардааст.

**ТИРАБАХТ** تیره‌بخت бадбахт, шумтолеъ, сиёҳбахт, беақл, камақл.

**ТИРАБАХТӢ** تیره‌بختی бадбахтӣ, сиёҳбахтӣ, шумтолеӣ; носозгории бахт.

**ТИРАБЕРУН** تیره‌بیرون он ки зоҳираш торик аст, одаме, ки зоҳиран бадқавоқ аст.

**ТИРАГӢ** تیرگی торикӣ, сиёҳӣ, хирагӣ; носозӣ; шиддат ва кашидагӣ (*дар робитаҳо*); кудурат.

**ТИРАГУН** تیرگون хираранг, сиёҳтоб, хира.

**ТИРАДИЛ** تیره‌دل сиёҳдил, баддил, бадхоҳи мардум.

**ТИРАДИЛӢ** تیره‌دلی бадхоҳӣ, сиёҳдилӣ, бадхоҳ будан.

**ТИРАЗАМИР** تیره‌ضمیر тирадил, сиёҳдил.

**ТИРАЖ** *фр.* تیرژ *кҳн.* 1. адади нашри рӯзнома, китоб *ва г.*; адади дар як бор чоп кардашудаи рӯзнома, китоб *ва г.* 2. як давраи бозии вомбарг.

**ТИРАК** تیرک 1. тири ош, чӯби махсус барои кушодани хамир; **тахтаву тирак** *маҷ.* молу мулк, бисот; **тахтаву тираки худро ғундоштан** кореро бас кардан, бисоти кори худро барчидан. 2. дарахти ар-ар, як навъ сафедор.

**ТИРАМАҒЗ** تیره‌مغز тиработин, тиранихоҳод, дарунсияҳ.

**ТИРАМОҲ** تیره‌ماه фасли сеюми сол, фасли паси тобистон, фасли хазон, пойиз.

**ТИРАМОҲӢ** تیره‌ماهی 1. *мансуб ба* **тирамоҳ**. 2. мевае, ки дар тирамоҳ мепазад, меваи дерпаз: **себи тирамоҳӣ**; **кишти тирамоҳӣ** киште, ки дар тирамоҳ, пас аз ғундоштани ҳосил анҷом дода мешавад, **ҷави тирамоҳӣ** ҷави дар тирамоҳ кишташуда.

**ТИРАМОҲРӮЯ** تیره‌ماهرویه қарибии тирамоҳ; айёми тирамоҳ;

**ТИРАНДОЗ** تیرانداز он ки дар тир андохтан моҳир аст.

**ТИРАНДОЗӢ** تیراندازی тирпаронӣ, тирзанӣ.

**ТИРАНИҲОД** تیره‌نهاد бадсиришт, тирагуҳар, тираравон.

**ТИРАРАНГ** تره‌رنگ хира, сиёҳтоб, сиёҳранг.

**ТИРАРОЙ** تیره‌رای бадният, сиёҳдил.

**ТИРАРӮ(Й)** تیره‌رو(ی) он ки чеҳрааш хираву гирифта аст.

**ТИРАРӮЗ** تیره‌روز сиёҳрӯз, бадбахт, сияҳрӯзгор.

**ТИРАРӮЗГОР** تیره‌روزگار *ниг.* **тирарӯз**.

**ТИРАРӮЗӢ** تیره‌روزی бадбахтӣ, сиёҳрӯзгорӣ, шумтолеӣ.

**ТИРАСӮЗ** تیره‌سوز он чи хира месӯзад, он чи рӯшноии баланди расо надорад (*чароғ*).

**ТИРАФКАН** تیرافکن он ки тир меафканад, тирандоз.

**ТИРАФОМ** تیره‌فام тираранг, сиёҳфом.

**ТИРАЧАШМ** تیره‌چشم он ки чашмаш хира мебинад; он ки биниши чашмаш кам аст; нобино.

**ТИРАШАБ** تیره‌شب шаби торик, шаби зулмонӣ.

**ТИРАШАБӢ** تیره‌شبی дар тирашаб, дар торикӣ.

**ТИРБАНД** تیربند *кит.* камарбанд ё миёнбанди бофта аз пашми шутур, ки ба он тир ва ҳар гуна асбоби сафар овезон кунанд.

**ТИРБАРГ** تیربرگ барги дорои нӯгҳои тез.

**ТИРБОЛ** *а.* طربال бурҷи баланд дар болои теппа; бинои баланд, иморати баланд.

**ТИРБОРОН** تیرباران пайдарҳам (бефосила) фурӯ рехтани тир аз ҳар тараф; **тирборон кардан** якбора тири бисёре холӣ кардан ба ҷое ё тарафи касе; бо тир куштан касеро, эъдом бо тир; ба зери оташи тир гирифтан (*ҷоеро*); **тирборон шудан** эъдом шудан; бо

тир кушта шудани одами маҳкум ба эъдом.

**ТИРВОР** تیروار чун тир, монанди тир; хеле тез ва босуръат.

**ТИРГАК** تیرگک чӯбе, ки онро ба чизе чун такя мегузоранд, такя, тамба, тирак; **тиргак кардан** тирак (тамба) кардан.

**ТИРГАКМОН** تیرگکمان тамбамон, тамбагузар, такягузар.

**ТИРГОН** تیرگان дар Эрони қадим ҷашне, ки дар сездаҳуми Тир ба муносибати як шудани номи рӯз бо номи моҳ баргузор мешуд.

**ТИРДОН** تیردان ҷои тирмонӣ, тиркаш.

**ТИРЕ** تیره хатчаи уфуқӣ (-), ки рабт ва алоқаи зичи ду калимаро байни ҳамдигар нишон медиҳад (*мас*., *иҷтимоӣ-сиёсӣ*).

**ТИРЕЗ//ТИРИЗ** تیریز порчаи сегӯша буридашудае, ки ба ду тарафи доман ё таги бағали ҷома гузошта дӯхта мешавад.

**ТИРЕЗА** تیریزه даричае дар девори хона барои даромадани ҳаво ва рушноӣ; чорчӯбаи шишадоре, ки ба ин дарича шинонда мешавад.

**ТИРЕЗАКОРӢ** تیریزه‌کاری хонае, ки деворҳояш тирезабанд аст, хонаи сертиреза.

**ТИРЕЗАЧА** تیریزه‌چه тирезаи хурд.

**ТИРЗАН** تیرزن 1. он ки тир мезанад, тирандоз. 2. *маҷ*. маҳбубае, ки нигоҳаш шӯху тез мебошад.

**ТИРЗАНӢ** تیرزنی амали тирзан, тирандозӣ.

**ТИРИСТ** تیرست *кит*. сесад.

**ТИРКАШ** تیرکش 1. тирдон. 2. зеҳи камон, ки онро кашида тирро партоб мекунанд. 3. сӯрохи тирандозӣ дар девори қалъаҳои қадим.

**ТИРКАШОН** تیرکشان он ки ба майдони ҷанг барои силоҳҳо тир мекашонад.

**ТИРКИШ** تیرکش тасмае, ки вақти ба ароба бастани асп аз як шоту ба шотуи дигар меравад (*ба воситаи ҳалқаи зинча*).

**ТИРКИШӢ** تیرکشی *мансуб ба* **тиркиш**.

**ТИРКИШТАСМА** تیرکش‌تسمه тасмаи тиркиш.

**ТИРМЕХ** تیرمیخ *мансуб ба* **тири мехмонанд**.

**ТИРМИЗАК** تیرمزک бачаи шӯхи гапдон.

**ТИРМОНАНД** تیرمانند ба монанди тир, ба сони тир.

**ТИРМОР** تیرمار навъи мор, ки чун тир рост парида – парида меравад ё ҳуҷум мекунад.

**ТИРМОРВОР** تیرماروار чун тирмор; рост.

**ТИРНОГУЗАР** تیرناگذر он чи тир ва гулӯла ба он асар намекунад; зиреҳпӯш.

**ТИРНОРАС** تیرنارس ҷое, ки ба он тир намерасад.

**ТИРОЗ** تیراز зеб, зинат, ороиш; нақшу нигор; **тирози ҷаҳон** унвони қадимаи шаҳри Хуҷанд.

**ТИРОЖА** تیراژه *кит., ниг*. **тироза**.

**ТИРОЗА** تیرازه *кит*. рангинкамон, тирожа, қавси қузаҳ, камони Рустам.

**ТИРОЗАНДА** تیرازنده зебо ороишдиҳанда, зеббахш, зинатбахш.

**ТИРПАРВОЗ** تیرپرواز тезпарвоз чун тир.

**ТИРПАРРОНӢ** تیرپرانی тирандозӣ; **тирпаронӣ кардан** тир андохтан (*аз ду ҷониб ба сӯи ҳамдигар*).

**ТИРРАС** تیررس ҷое, ки тир омада мерасад, масофае, ки тир омада ба ҳадаф расида метавонад.

**ТИРРОМ** تیررام *гуфт*. маккор, фиребгар.

**ТИРРОМӢ** تیررامی *гуфт*. маккорӣ, фиребгарӣ.

**ТИРРОНЧА(К)** تیرانچه//تیرانچک тирмизак, маҳмадонои якрав.

**ТИРСОЗ** تیرساز 1. он ки тир месозад. 2. *маҷ*. мизроб, захма.

**ТИРУКАМОН** تیروکمان нимдоираи рангоранге, ки вақти борон дар осмон намудор мешавад, камони Рустам, қавси қузаҳ.

**ТИРХОНА** تیرخانه *гуфт*. тирдон, магазин (*дар милтиқ*).

**ТИРХӮРДА** تیرخورده *сифати феълии замони ҳозира аз* **тир хӯрдан**; захмдор, захмӣ, маҷрӯҳ.

**ТИРҶӮЙ** تیرجوی ҷӯи рости асосӣ дар пахтазор, шолизор ва майдонҳои дигари кишти обӣ.

**ТИТ** تیت *гуфт*. пош, пароканда, дарҳаму барҳам, зеру рӯ; **тит кардан** пароканда кардан, пош додан, зеру рӯ намудан; **титу ғози** *касе*, *чизеро* **баровардан** *маҷ*. расво кардан, сирри касеро фош кардан; **титу пит** пароканда, рехтаву пошида; **тит кардан** пароканда

кардан, рехтану пошидан; **титу ғоз кардан** зеру рӯ (дарҳаму барҳам) кардан; **тит шудан** пароканда шудан, пош хӯрдан; парешону дарҳаму барҳам шудан.

**ТИТАВ** تیتو тазарв, мурғи даштӣ.

**ТИТОЛ** تیتال суханҳои мутоибаомез; ибора ва ҷумлаҳои ширинкоронаи муаммоомези зоҳиран ба ҳамдигар зид ва ночаспон, ки маънои маҷозӣ ва киноявии иҷтимоӣ дорад. беҳтарин намунаи титол тарзи нигориши Шамсиддини Шоҳин дар «Бадоеъуссаноеъ» аст.

**ТИТОЛБОФӢ** تیتال‌بافی муаммогӯӣ, суханони зоҳиран ночаспони муаммоомез гуфтан.

**ТИТР** *фр.* تیتر унвони як навиштае, ки қабл аз шурӯи матлаб маъмулан бо ҳуруфи дурушттар аз матн чоп мешавад.

**ТИТШУДА** تیت‌شده парокандашуда.

**ТИФЛ** *а.* طفل кӯдаки навзод; кӯдак; бача кӯдак; **тифли разеъ** бачаи ширхор; **тифли ашк** донаи ашк, қатраи оби дида; **тифли резон** *киноя аз* шароби ангур.

**ТИФЛДОР** طفلدار кӯдакдор, зане, ки бачаи ширмак дорад.

**ТИФЛДӮСТ** طفل‌دوست бачадӯст, кӯдакдӯст.

**ТИФЛӢ** طفلی бачагӣ, хурдӣ, кӯдакӣ.

**ТИФЛОНА** طفلانه бачагона, кӯдакона.

**ТИФОҚ** *а.* تفاق иттифоқ, муттафиқ; мувофиқат, якдилӣ

**ТИФОҚАН** *а.* تفاقاً *гуфт.* тасодуфан; баногоҳ, нохост.

**ТИФОҚӢ** تفاقی ягонагӣ, ваҳдат.

**ТИФОҚО** تفاقا *ниг.* **тифоқан**.

**ТИФОҚОНА** تفاقانه дӯстона.

**ТИҲИГОҲ** تهی گاه 1. қисми бадан байни шикам ва паҳлу; тарафи рост ва чапи шикам. 2. *маҷ.* дарун.

**ТИҲИДАСТ** تهی‌دست нодор, бечиз, камбағал; бепул.

**ТИҲИДАСТӢ** تهی‌دستی нодорӣ, тангдастӣ, камбағалӣ, бепулӣ.

**ТИҲИМАҒЗ** تهی‌مغز бемағз, беақл; аблаҳ.

**ТИҲӢ** تهی 1. холӣ, холӣ будани даруни чизе; *муқоб.* **пур**; **тиҳӣ кардан** холӣ кардан; **қолаб тиҳӣ кардан** *маҷ.* ҷон додан, мурдан. 2. соф, пок, барӣ.

**ТИҲУ** تیهو бедона.

**ТИҶОРАТ** *а.* تجارت доду гирифт, хариду фурӯш; савдо; **тиҷорат кардан** хариду фурӯш кардан, савдогарӣ кардан.

**ТИҶОРАТӢ** تجارتی *мансуб ба* **тиҷорат**, марбут ба корҳои хариду фурӯш: **муносибати тиҷоратӣ**.

**ТИҶОРАТХОНА** تجارت‌خانه муассисаи тиҷоратӣ, ҷои савдо ва хариду фурӯш.

**ТО** I تا 1. *пешоянд* ҳадди масофа ва вақтро ифода мекунад: **аз кӯҳ то ба кӯҳе, аз дашт то ба даште**; **аз аввал то охир**; **сар то сар**; **то дидан** то мулоқоти дигар.

**ТО** II تا 1. *пайвандак* модоме ки, агар, вақте ки… 2. ҳамин ки, ба маҳзи он ки, ба муҷарради он ки. 3. ба қадре... ки; ба андозае ки…. 4. иллат, сабаб ва боисро мефаҳмонад; **то ки** барои он ки; ба хотири он ки...; **то ҳол**, **то ба ҳол** то ин вақт.

**ТО** III تا *калимаи таъкид ва нидо*: 1. ҳаргиз, асло. 2. боэҳтиёт бош!, ҳазар кун!, зинҳор!. 3. охир, ниҳоят (дар хитоб ва савол). 4. ҳатто.

**ТО** IV **//** **ТА** تا//ته *пасванди нумератив* адад, дона.

**ТОАТ** *а.* طاعت 1. итоат, фармонбардорӣ. 2. *д.* ибодат, парастидан; **тоату ибодат**.

**ТОАТВАРӢ** طاعتوری ибодатгарӣ.

**ТОАТГАҲ** طاعتگه *ниг.* **тоатгоҳ**.

**ТОАТГОҲ** طاعتگاه ибодатгоҳ.

**ТОАТФУРӮШ** طاعت‌فروش он ки ба ибодат кардан худнамоӣ мекунад.

**ТОАТПЕША** طاعت‌پیشه он ки пайваста ба тоату ибодат машғул аст.

**тоб** تاب 1. *асоси замони ҳозира аз феъли* **тобидан** ва **тофтан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* тобдиҳанда; (*мас.* **ресмонтоб)** тобон, фурӯзон; (*маҷ.* **оламтоб, шабтоб...)**.

**ТОБ** II تاب тоқат, бардошт, сабр, ором, қудрат, тавоноӣ; **тоб овардан** тоқат (бардошт, истодагӣ, пойдорӣ) кардан; **тоб надоштан** тоқат надоштан, бардошт карда ната-вонистан; б)

бемор будан, ранҷур будан; **тоб гурехтан** бемор (ранҷур) шудан.

**ТОБ** III تاب печ, печу хам (*дар таноб, мӯй*); **тоб додан** тофтан, печ додан, печухамдор кардан (*ресмон, мӯйро*): **гӯши** *касеро* **тоб додан** а) гӯши касеро бо даст тофтан, печ додан; б) *маҷ.* касеро танбеҳ кардан; **тоб хӯрдан** а) печиш пайдо кардан, тофта шудан, тобида шудан; б) печу хамдор шудан, каҷу килеб шудан; в) ба печутоб афтодан, музтариб шудан; г) гаштан, гардиш кардан ба тарафе; **ба тоб гирифтан** танбеҳ кардан; ҷазо додан, сахт гирифтан; **тоб партофтан** хушкида каҷ шудан (*мас., тахта, чӯб*).

**ТОБ** IV تاب тобиш, нур, дурахш, рушноӣ, фурӯғ, гармӣ; **ба тоб будан** дурахшону тобанда будан; **дар тоб будан** фурӯзон будан; шӯълавар будан; **обу тоб** а) дурахшонӣ, шукуфоӣ; б) *маҷ.* равнақ, ривоҷ, хуррамӣ; **ба обу тоб омадан** сабзу хуррам ва шукуфон шудан; **обу тоб ёфтан** пухта шудан.

**ТОБА//ТОВА** تابه//تاوه зарфи филизие, ки дар он гӯшт, моҳӣ ё тухмро бирён мекунанд; **тоба гирифтан** қатор шудан, саф кашидан вақти иҷрои кори дастҷамъӣ (*мас., ҳангоми дарав*); ◊ **тобаи зар** *кинояи аз* офтоб.

**ТОБАДОН//ТОБДОН** تابه‌دان||تابدان равзанае, ки аз он ҷо ба хона ҳаво ва рӯшноӣ медарояд.

**ТОБАК** تابک *гуфт.* дард; печиш; **тобаки шикам** дарди шикам.

**ТОБАНДА** تابنده 1. тобдиҳанда. 2. дурахшанда, рӯшноидиҳанда, рахшанда, тобон.

**ТОБАНДАГӢ** تابندگی дурахшандагӣ, тобиш, тобонӣ; **давраи тобандагӣ** *маҷ.* давраи шукуфоӣ (*авҷ ва тараққӣ*).

**ТОБАСАНГ** تابه‌سنگ санги рӯяш ҳамвору паҳн, санги мусаттаҳ.

**ТОБҒУЛА** تاب‌غوله печу тоби чизе; он чи печу тоб хӯрдааст; **тобғула кардан** печ додан.

**ТОБДИҲӢ** تابدهی тофтан, тоб додан, печу тоб додани чизе.

**ТОБДОДА** تابداده тофташуда, ба ҳам бофташуда (*мас., мӯй*).

**ТОБДОН** تابدان *ниг.* **тобадон**.

**ТОБДОР** I تابدار печу хамдор, чиндор; **гесӯи (мӯи) тобдор** мӯи фатила.

**ТОБДОР** II تابدار дурахшон, тобнок, тобишнок.

**ТОБЕИН** *а.* تابعین тобеъ; тобеот; **тобеин будан** тобеъ будан, фармонбардор будан; тобеъ будан ба марказе.

**ТОБЕИЯТ** *а.* تابعیت 1. итоат кардан. 2. фуқарои (райяти) давлате будан.

**ТОБЕОТ** *а.* تابعات деҳа ва ҷойҳои маскуне, ки тобеи як маркази маъмурӣ мебошанд.

**ТОБЕЪ** *а.* تابع фармонбардор, итоаткунанда, мутеъ; **тобеъ будан** фармонбардор будан, дар таҳти итоати касе ё ҷое будан; **тобеъ гардидан (шудан)** мутеъ шудан, дар итоати касе ё марказе будан; фармонбардор гаштан; пайравӣ кардан.

**ТОБЕЪКУНАНДА** تابع‌کننده тобеъ кардан.

**ТОБИДАН** I تابیدن 1. тоб додан, тофтан, печидан, печондан. 2. *маҷ.* гардондан, рӯ гардондан, баргаштан, итоат накардан.

**ТОБИДАН** II تابیدن 1. дурахшидан, нур додан, рӯшноӣ додан. 2. сахт тафсидан, тафсондан, сӯзондан. 3. *маҷ.* озурда шудан, ғамгин шудан, парешон шудан.

**ТОБИДАН** III تابیدن тоб овардан, тоқат кардан, бардошт кардан.

**ТОБИСТОН** تابستان фасли дувуми сол, ки баъди баҳор меояд; фасли гармо, тамуз.

**ТОБИСТОНА** تابستانه *мансуб ба* **тобистон**; тобистонӣ.

**ТОБИСТОНБОБ** تابستان‌باب тобистонӣ, муносиби тобистон; **молҳои тобистонбоб** молҳое, ки мавриди истеъмол ва мавсими фурӯшашон фасли тобистон аст.

**ТОБИСТОНӢ** تابستانی *мансуб ба* **тобистон**; **хонаи тобистонӣ**; **либоси тобистонӣ**.

**ТОБИШ** تابش дурахш, рахшандагӣ, партав, ҷило.

**ТОБИШНОК** تابشناک тобон, ҷилодор, дурахшон.

**ТОБНОК** تابناک 1. тобон, рахшон, дурахшон. 2. тафсон, тафсанда, сӯзон.

**ТОБОВАР** تاب‌آور бардоштнок, тоқаткунанда.

**ТОБОВАРӢ** تاب‌آوری тоқат, таҳаммул, бардошт,

истодагарӣ дар пеши чизе; **тобоварӣ кардан** тоқат кардан, сабру таҳаммул доштан.

**ТОБОВАРОНА** تاب‌آورانه аз рӯи тобоварӣ.

**ТОБОН** تابان дурахшон, мунаввар, рахшон; **моҳи тобон** моҳи мунаввар; **рухсори тобон** рӯи зебо; **тобон будан** дурахшидан, дурахшон ва рахшанда будан; **тобон шудан** дурахшон (равшан) шудан.

**ТОБОНӢ** تابانی дурахшонӣ, фурӯзонӣ.

**ТОБСИТОН** تابستان бетобу тавонкунанда, тоқатрабо.

**ТОБУТ** تابوت сандуқи чӯбин, ки мурдаро дар он гузошта ба қабристон мебаранд.

**ТОБУТКАШ** تابوت‌کش он ки тобутро ба дӯш бардошта ба гӯристон мебарад.

**ТОБУТСОЗ** تابوتساز устое, ки тобут месозад.

**ТОБУТХОНА** تابوتخانه ҷои махсус дар назди масҷидҳо, ки дар он ҷо тобут нигоҳ дошта мешавад.

**ТОБХОНА** تابخانه гармхона; гулхона, хонаи зимистона.

**ТОБХӮРДА** تاب‌خورده тоб додашуда; печдор шуда, тобидашуда.

**ТОВ** تاو *шакли дигари* **тоб**.

**ТОВА** تاوه *ниг.* **тоба**.

**ТОВАЛ** تاول *кит.* гӯсола; курра.

**ТОВАСАНГ** تاوه‌سنگ *ниг.* **тобасанг**.

**ТОВИДАН** تاویدن тоб овардан, сабру тоқат кардан.

**ТОВОН** تاوان ҷаримае, ки дар бадали зарари воридшуда гирифта мешавад, бадал ва ивазе, ки бояд барои чизи талафшуда пардохта шавад; ғаромат; **товон додан** ҷарима (иваз) додан.

**ТОВОНГИРӢ** توان‌گیری товон гирифтан.

**ТОВОНДИҲӢ** تواندهی додани товон, супурдани товон.

**ТОВОТОВ** تاواتاو қудрат, тавоноӣ, қувват.

**ТОВУС** طاوس 1. мурғе, ки парҳои рангоранги зебо дорад. 2. *маҷ.* одами зебо, хушрӯ; **товуси маст** *киноя аз* маҳбуба.

**ТОВУСӢ** طاوسی аз пари товус сохташуда.

**ТОВУСХИРОМ** طاوس‌خرام *маҷ.* хушрафтор.

**ТОҒӢ** *а.* طاغی туғёнкунанда, саркаш, аз ҳад таҷовузкунанда, нофармон; гарданкаш.

**ТОҒУТ** *а.* طاغوت 1. бут, дар эътиқоди мусулмонон ба ғайр аз Худо ҳар чизе, ки онро парастиш мекунанд. 2. иблис, шайтон.

**ТОҒУТПАРАСТ** طاغوت‌پرست 1. бутпараст. 2. девпараст, иблиспараст.

**ТОҒУТПАРАСТӢ** طاغوت‌پرستی девпарастӣ, бутпарастӣ, иблиспарастӣ.

**ТОЖ** تاژ *кит.* хайма, чодар, хиргоҳ.

**ТОЖИК** تاژیک *ниг.* **тоҷик**.

**тоз** تاز *асоси замони ҳозира аз* **тохтан**, тозидан; амр ба давидан.

**ТОЗ** I تاز *шакли кӯтоҳшудаи* **тоза**.

**ТОЗ** II تاز тохт, дав; **тозу дав**; **дар този асп** асп тозондан, асп давондан; **ба тоз** тозон, давон.

**ТОЗ** III تاز *кит.* ниёи бузург, саравлод; Тоз аз рӯи хабарҳои "Бундаҳишн" ниёи бузург ва саравлоди қабилаи эрониён бо номи тозӣ, ё тозик аст, ки ба номи тоҷик алоқаманд дорад.

**ТОЗА** I تازه 1. нав, ҷадид; *муқоб.* **кӯҳна**. 2. покиза, пок, беолоиш; соф; **тозаву тар**, **тару тоза** нав, ботароват, сабзу хуррам; **ҳавои тоза** ҳавои бегарду ғубор, ҳавои соф; **тоза кардан** а) нав кардан; б) покиза кардан; **тоза шудан** а) нав шудан, таҷдид ёфтан; б) покиза гардидан, поку ороста шудан; **тоза-тоза** нав ба нав; **тоза ба тоза** паи ҳам омадани чизҳои нав, нав ба нав, зебо; **топ-тоза** тамоман тоза, бе ҳеҷ гуна гарду олоиш.

**ТОЗА** II تازه **:тоза ҳам** *гуфт.* аҷаб, хело, ниҳоят, расо ҳам.

**ТОЗААНДЕША** تازه‌اندیشه навандеш, андешаи тоза.

**ТОЗАБАР** تازه‌بر он чи меваи нав медиҳад.

**ТОЗАБАРГ** تازه‌برگ пуртароват, ҷавон, хуррам, пурнишот.

**ТОЗАБАҲОР** تازه‌بهار навбаҳор, баҳори ботароват.

**ТОЗАБУМ** تازه‌بوم ҷо ва макони нав.

**ТОЗАБУНЁД** تازه‌بنیاد нав сохташуда, нав эҷодёфта.

**ТОЗАВОРИД** تازه‌وارید навдаромада.

**ТОЗАГӢ** تازگی покизагӣ, озодагӣ; тароват, **ба тозагӣ** навӣ; ба қарибӣ, ба наздикӣ, андаке пеш.

**ТОЗАГУЛ** تازه‌گل 1. гули навшукуфта, гули пуртароват. 2. *мац.* навҷавони зебо.

**ТОЗАЗУҲУР** تازه‌ظهور навпайдо.

**ТОЗАКОР** تازه‌کار нававар.

**ТОЗАКОРӢ** تازه‌کاری навигарӣ, навоварӣ; формасозӣ.

**ТОЗАМУСУЛМОН** تازه‌مسلمان навмусулмон, он ки ба тозагӣ дини исломро пазируфтааст.

**ТОЗАНАФАС** تازه‌نفس навомада, нав ба кор даромада, ҳанӯз монданашуда; **қувваи ҳарбии тозанафас**.

**ТОЗАНАШАВАНДА** تازه‌نشونده он чи ки бетағйир мемонад.

**ТОЗАНДА** تازنده даванда, батохт раванда, тездав.

**ТОЗАНИҲОЛ** تازه‌نهال ниҳоли нав шинондашуда, ниҳоли навруста.

**ТОЗАПАЙКАР** تازه‌پیکر навҷавон, хушандом.

**ТОЗАПАРВОЗ** تازه‌پرواز нав ба парвоз омада, нав пару бол кушода.

**ТОЗАРАС** تازه‌رس наврас, навҷавон.

**ТОЗАРУХ** تازه‌رخ *ниг.* **тозарӯ(й)**.

**ТОЗАРУХСОР** تازه‌رخسار *ниг.* **тозарӯ(й)**.

**ТОЗАРӮ(Й)** تازه‌رو(ی) 1. наврӯида, нав ба зуҳуромада. 2. хушрӯй, ботароват, зебо, хандон, шодон, кушодарӯй.

**ТОЗАСОЗ** تازه‌ساز навсоз, навсохта.

**ТОЗАСУХАН** تازه‌سخن *мац.* хушсухан, навпардоз, некгуфтор.

**ТОЗАХАТ** تازه‌خط он ки ба тозагӣ ришу мӯйлаб баровардааст, навҷавон, навхат.

**ТОЗАҶАВОН** تازه‌جوان ҷавони наврасида, навҷавон.

**ТОЗАҶАНГ** تازه‌جنگ он ки нав ба ҷанг даромадааст, ҷангнадида, ноозмуда.

**ТОЗИЁНА** تازیانه он чи чорпоёнро бо вай зада меронанд, қамчин; **тозиёна хӯрдан** шаллоқ хӯрдан, маҳкум ба ҷазо шудан.

**ТОЗИЁНАЗАНӢ** تازیانه‌زنی қамчинзанӣ.

**ТОЗИШ** تازش тохт, дав, такудав; **тозиши асп.**

**ТОЗӢ** I تازی *мансуб ба* **араб**, арабӣ; **аспи тозӣ** аспи арабинажод.

**ТОЗӢ** II تازی саги шикорӣ, саги даванд.

**ТОЗОН** تازان *феъли ҳол* **аз тохтан;** дар ҳоли тохтан, давида-давида, давон, **тозон-тозон** давида–давида, батохт, босуръат.

**ТОЗОН(И)ДАН** تازاندن//تازانیدن давондан, ба тоз даровардан, ба суръат рондан (*аспро*).

**ТОИР** *а.* طائر//طایر *кит.* парвозкунанда; паранда, мурғ.

**ТОИФА** *а.* تائفه//طایفه гурӯҳе аз мардум; қабила.

**ТОИФӢ** طائفی//طایفی навъе аз ангур, ки пӯсташ сурхтоб ва донаҳояш калон мешавад.

**ТОЙ** I تای курраи асп, аспи ҷавон.

**ТОЙ** II تای бори баста; **той бастан** молеро ба таври хоса бастан (*мас.*, *пахтаи тозашуда*); **той-той** тойҳои зиёди як навъи мол.

**ТОЙБАНД** تایبند он чи ки бо он тойро мебанданд.

**ТОЙБАНДӢ** تایبندی бастани той.

**ТОК** I تاک дарахти ангур; ◊ **ток фурӯхтану чархушт харидан** чизи асосиро дода, чизеро, ки бе он чизи асосӣ ба кор намеравад, гирифтан; **ток аз сояву аз ҳамсоя метарсад** (*мақ.*) ток ҷои васеи офтобрасро мехоҳад.

**ТОК** II تاک рафчаи девори хона барои гузоштани чизҳо.

**ТОК** III تاک ҷараёни барқ дар ноқил.

**ТОКБУР** تاکبر қайчии токбурӣ.

**ТОКБУР(Р)Ӣ** تاکبری буридани навдаҳои беҳосили токи ангур.

**ТОКГӮРКУНӢ** تاک‌گورکنی ба хок пӯшондани ток дар охири тирамоҳ барои аз яхбандони зимистон нигоҳ доштани он.

**ТОКДОН** تاکدان *ниг.* **ток**, **токча**.

**ТОКДОР** تاکدار хонае, ки токча дорад.

**ТОКДОРӢ** تاکداری токпарварӣ.

**ТОКЗОР** تاکزار ҷойе, ки дар он токи зиёде шинонда шудааст.

**ТОКИСТОН** تاکستان *ниг.* **токзор**.

**ТОККУШОӢ** تاککشای дар баҳорон аз таги хок баровардани ток.

**ТОКПАРВАР** تاکپرور ангурпарвар.

**ТОКПАРВАРӢ** تاکپروری *ниг.* **токдорӣ**.

**ТОКПИЛЛА** تاکپله навдаҳои буридашудаи ток.

**ТОКСИКОЛОГ** *ю.* تاکسیکالاگ мутахассиси токсикология, шахсе, ки хусусияти заҳрҳо ва таъсири онҳоро ба организм меомӯзад, заҳршинос.

**ТОКСИКОЛОГИЯ** *ю.* تاکسیکالاگیه илм дар бораи заҳрҳо ва таъсири онҳо ба бадан ва мубориза бо заҳролудӣ, заҳршиносӣ.

**ТОКСИН** *ю.* تاکسین токсин, моддаи заҳрдор, ки аз микроорганизмҳо, инчунин аз ҳайвонот ва растаниҳо пайдо шуда, боиси бемориҳо мешавад.

**ТОКЧА** طاچه рафи махсуси девори хона барои чидани чинивор, китоб *ва г.*, раф, рафча.

**ТОҚ** I طاق 1. сақфи камоншакли қуббадор, сақфи осмоншакл. 2. равоқ, айвон, **тоқи нусрат** иншооти тоқмонанде, ки ба муносибати ҷашне сохта мешавад. 3. токча, раф; **тоқи абрӯ** *маҷ.* хамидагии абрӯ. 4. *маҷ.* баландӣ, иртифоъ; **тоқи фалак** *киноя аз* осмон.

**ТОҚ** II طاق 1. фард, якто; *муқоб.* **ҷуфт**; **тоқ шудани тоқати** *касе* ба ниҳояти бетоқатӣ расидани касе, дигар сабру таҳаммул карда натавонистани касе; лабрез шудани косаи сабри касе. 2. *маҷ.* танҳо, якка, беҷуфт, бемонанд; **тоқ афтодан** а) дур мондан, танҳо мондан; ҷудо шудан; б) *бемислу мақсад* будан. 3. як тоқа, як ҷура, як либосвор (*мас.*, *шоҳӣ, беқасаб ва г.*).

**ТОҚ** III طاق *кит.* ҷомаи рӯпӯш, ҷомае, ки аз болои дигар либосҳо мепӯшанд.

**ТОҚА** *а.* طاقه 1. якто, як донаи чизҳои ҷуфт. 2. танҳо; **тоқа-тоқа** якто–якто, ҷудо – ҷудо.

**ТОҚАСУМ** طاقهسم чорпое, ки як сум дорад; чорпое, ки ҷуфтсум нест (*мас.*, *асп.*)

**ТОҚАТ** *а.* طاقت бардошт, таҳаммул, тоб, тавон; **тоқат доштан (кардан, овардан)** тоб овардан, бардошт кардан, таҳаммул доштан.

**ТОҚАТГУДОЗ** طاقتگداز таҳаммулпазир, он чи бар он тоб овардан мумкин аст, он чи сабру бардоштро аз байн мебарад.

**ТОҚАТНОК** طاقتناک тобовар, бобардошт, таҳаммулкунанда.

**ТОҚАТНОКӢ** طاقتناکی босабрӣ, бардоштнокӣ, тобоварӣ (*ба коре ва ба ҳоле*).

**ТОҚАТОВАР** طاقتآور тобовар, бобардошт, таҳаммулнок.

**ТОҚАТОВАРӢ** طاقتآوری батоқат будан, тобоварӣ.

**ТОҚАТПАЗИР** طاقتپذیر он чи ба он тоқат кардан (тоб овардан) мумкин аст.

**ТОҚАТПАЗИРӢ** طاقتپذیری қобили тоқат будан, тоқатпазир будан.

**ТОҚАТФАРСО** طاقتفرسا он чи сабру бардоштро аз байн мебарад, он чи тобу тавони касро мебарад.

**ТОҚАТШИКАН** طاقتشکن тоқат карданаш номумкин, тобу тавонбаранда.

**ТОҚДОР** طاقدار он чи дорои тоқ аст, бинои сақфаш тоқшакл.

**ТОҚДЕС** طاقدیس 1. *кит.* тоқмонанд, тоқшакл. 2. номи тахти Хусрави Парвиз –шоҳаншоҳи Сосонӣ, ки аз Фаридун мерос монда буд.

**ТОҚИЯ** *а.* طاقیه *ниг.* **тоқӣ**.

**ТОҚИЯДӮЗ** طاقیهدوز кулоҳдӯз, тоқидӯз.

**ТОҚИЯДӮЗӢ** طاقیهدوزی касб ва кори тоқидӯз.

**ТОҚӢ** I *а.* طاقی кулоҳ, каллапӯш.

**ТОҚӢ** II طاقی тоқ будан, ҷуфт надоштан.

**ТОҚЧА** طاقچه *ниг.* **токча**.

**ТОЛ** I تال *гуфт.* дарахти бед.

**ТОЛ** II تال *кит.* толу мол, парешон, пароканда, аз ҳам пошида, торумор.

**ТОЛВОСА** تالواسه *ниг.* **талвоса**.

**ТОЛЕЪ** *а.* طالع бахт, иқбол; тақдир, қисмат; **толеи бад (паст)** бахти носозгор, бебахтӣ; **толеи баланд** бахти нек; **толеаш баландӣ кард** кораш омад кард, бахтиёр шуд; **толеаш тофт** кораш барор гирифт, кораш баногоҳ омад кард; тулӯъкунанда, бароянда (*оид ба* офтобу моҳ); ◊ **толеъ шудан** баромадан (*оид ба* офтобу

моҳтоб); **толеи Савр** касе, ки дар вақти намоён шудани бурҷи Савр зоида шуда бошад; *маҷ.* хушбахт. 3. *маҷ.* бахт, иқбол, тақдир: **толеи саъд** *киноя аз* бахти баланд, бахти нек: **толеи шӯрида** бахти баргашта, бахти бад.

**ТОЛЕЪБИН** طالعبين мунаҷҷими пешгӯикунандаи толеъ; фолбин, фолгир.

**ТОЛЕЪБИНӢ** طالعبينى фолбинӣ.

**ТОЛЕЪДОН** طالعدان он ки чигунагии бахту иқболи касеро медонад, фолгир.

**ТОЛЕЪНОМА** طالعنامه номае, ки дар он чигунагии толеъ навишта шудааст, китоби таъбири толеъ.

**ТОЛЕЪШИНОС** طالعشناس бахту тақдиршинос.

**ТОЛЕЪШИНОСӢ** طالعشناسى *мансуб ба* **толеъшинос**; кору шуғли толеъшинос.

**ТОЛИБ** *а.* طالب хоҳон, хоҳишманд; талабкунанда, талабгор; **толиби илм** а) донишҷӯй; б) *кҳн.* муллобачаи мадраса.

**ТОЛИБА** *а.* طالبه *муаннаси* **толиб**, хонандаи дабиристон; хонанда.

**ТОЛИБИЛМ** طالبعلم толиби илм, илмҷӯ.

**ТОЛИШ** طالش яке аз қавмҳои эронӣ.

**ТОЛИШӢ** طالشى *мансуб ба* **толиш**: **забони толишӣ**.

**ТОЛОБ** تالاب ҳавзи калон; ҷои ҷамъ шудани оби борон ва оби рӯдҳо, кӯли хурд.

**ТОЛОН** تالان тороҷ, ғорат, яғмо; **толон кардан** ба яғмо бурдан, тороҷ кардан; **толон шудан** ба тороҷ рафтан (*чизу чора*).

**ТОЛОНГАР** تالانگر тороҷгар, ғоратгар.

**ТОЛОНГАРӢ** تالانگرى тороҷгарӣ, ғоратгарӣ.

**ТОЛОНДИДА** تالاندیده тороҷшуда; он ки чизу чора ва молу мулкаш ба тороҷ рафтааст.

**ТОЛОР** تالار хонаи калон, зал; хонаи бузург барои ҷамъомадҳои калон.

**ТОЛУМОЛ** تالومال *ниг.* **торумор**.

**ТОМ (М)** *а.* تام 1. пурра, комил, тамом; **адади том** адади пурра, адади бекаср. 2. мутлақ: **ҳокимияти том**, **хомӯшии том**.

**ТОМГАРОӢ** تامگرائى мутлақгароӣ.

**ТОМАКТАБӢ** تامکتبى *мансуб ба* давраи то ба мактабравии бача; **муассисаҳои томактабӣ** кӯдакистонҳо ва боғчаҳои бачагон.

**ТОМАРҚА** *т.* تامرقه *гуфт.* қитъаи замин ё боғи назди хона.

**ТОМАТ** *ит.* تامت шираи ҷӯшонида қиём кардаи помидор.

**ТОМЕЪ** *а.* طامع тамаъкор, ҳарис, озманд.

**ТОМИА** *а.* طامعه *муннаси* **томеъ**, қувваи томеъ, томеъкорӣ, ҳирс.

**ТОМОТ** *а.* طامات суханони бесару бун, даъвоҳои беасос, ҳазён; лофу газоф.

**ТОННА** تانه воҳиди вазн, баробар ба 1000 килограм(м).

**ТОННЕЛ** *англ.* تونل *ниг.* **нақб**.

**ТОПОГРАФ** *ю.* تاپاگرف мутахассиси соҳаи топография, хаританигор.

**ТОПОГРАФИЯ** *ю.* تاپاگرفيه яке аз соҳаҳои илми геодезия, ки ба андозагирии сатҳи замин ва нақшакашии он машғул аст.

**ТОПОГРАФӢ** تاپاگرافى *мансуб ба* **топография**; **харитаи топографӣ.**

**ТОПОНИМИКА** *ю.* تاپانيميکه 1. маҷмӯи номҳои ҷуғрофии ягон мамлакат ё мавзӯъ. 2. *збш.* як қисми вожашиносӣ, ки номҳои ҷуғрофиро меомӯзад.

**ТОР I** تار 1. риштаи дарози борик аз мӯй, абрешим, пахта ва нах. 2. мӯй, як дона (тора) мӯй; **ришаш ягон тор ҳам сафедӣ надошт, тори анкабут** риштае, ки тортанак аз луоби худ метанад ва бо он магас ва ҳашаротҳоро шикор мекунад; **тор танидан** тор бофтани тортанак ва кирми абрешим. 3. риштаи олати мусиқӣ, ки аз рӯдаи ҳайвонот ё аз аз филизот сохта мешавад, сим. 4. асос, замина дар бофандагӣ, қатори наххо, ки ба дарозии матои бофташуда қарор мегирад; *муқоб.* **пуд; тору пуд** наххое, ки дарозӣ ва бари матоъро ташкил медиҳанд. 5. таноби аз як нуқта ба нуқтаи дигар кашидашуда барои овехтани либосворӣ ё чизҳои шусташуда; **(ба) тор кашидан** ба ришта чидан (овехтан) барои хушк кардан (*мас.*, *гӯштро*); **тори фиреб** доми фиреб; **тори** *чизеро* **кашидан** чизеро миқдоран кам кардан, аз вуқӯи коре пешгирӣ кардан; **ба як тори мӯ банд будан** дар дами марг истодан; **тор-тор**

тора–тора, мӯй–мӯй; ба тартиб.

**ТОР** II تار олати мусиқии торӣ, ки панҷ сим дорад ва бо мизроб навохта мешавад.

**ТОР** III تار тира, торик, зулмонӣ; **шаби тор** шаби торик; **тор шудани чашм** коста шудани қувваи биниши касе, тираву тор, сиёҳ.

**ТОР** IV تار фарқ, боло, тепа; **тори сар** фарқи сар, торак.

**ТОРА** تاره *ниг.* **тор** 1.

**ТОРАК** تارک фарқи сар, теппаи сар; нӯг, сари чизе.

**ТОРАМ** تارم 1. хонаи чӯбини тоқдор; хиргоҳ, шипанг. 2. хавоза; **торами ток** хавоза, хавозаи ток. 3. девора, шиғ (чиғ), тавора. 4. гунбаз; ◊ **торами атлас** осмон.

**ТОРАФТ** تارفت рафта-рафта, бо гузашти замон.

**ТОРГИР** تارگیر гирандаи тор.

**ТОРДОН** تاردان зарфе, ки дар он торҳои соз нигоҳдорӣ мешавад.

**ТОРЗАН** تارزن торнавоз.

**ТОРИК** تاریک 1. тира, тор; *муқоб.* **равшан**. 2. *маҷ.* номаълум, ноошкор, маҷҳул; **ин тарафи масъала ба ман торик аст; торик шудан (гардидан, гаштан)** тира шудан, тор гардидан.

**ТОРИКИСТОН** تاریکستان ҷои саросар торик.

**ТОРИКӢ** تاریکی 1. тирагӣ, сиёҳӣ; зулмат. 2. *маҷ.* ҷаҳолат, нодонӣ, бехабарӣ.

**ТОРИКШАБ** تریکشب шаби тираву торик, шаби зулмонӣ.

**ТОРӢ** I تاری *шакли кӯтоҳшудаи* **торик**.

**ТОРӢ** II *а.* تاری ба ногоҳ воқеъшаванда, рӯйдиҳанда; **торӣ шудан** рӯй додан, воқеъ шудан.

**ТОРӢ** III تاری *мансуб ба* **тор**; **созҳои торӣ** асбобҳои мусиқие, ки тор доранд.

**ТОРМОЗ** *ю.* تارماز олати суст кардани суръат ё тамоман аз ҳаракат боздоштани автомобил, қатора *ва г.*; **тормоз додан** ба воситаи тормоз суст кардани суръати автомобил (ё мошини дигар) ё тамоман аз ҳаракат боздоштани он.

**ТОРМОЗДИҲӢ** تارمازدهی ба воситаи тормоз суст кардан ё боздоштани ҳаракати автомобил, велосипед *ва г.*

**ТОРНАВОЗ** تارنواز навозандаи тор (*олати мусиқӣ*).

**ТОРНАВОЗӢ** تارنوازی навохтани тор, торзанӣ.

**ТОРОН** تاران *бот.* навъи растанӣ.

**ТОРОҶ** تاراج ғорат, яғмо; **ба тороҷ бурдан** ғорат кардан, бо ҷабру зӯрӣ кашида гирифтан (*чизеро аз касе*); **тороҷ кардан** яғмо (ғорат) кардан; **ба тороҷ рафтан** *ниг.* **тороҷ шудан; тороҷ шудан (гардидан)** ғорат шудан, тороҷу толон шудан; бе чизу чора мондан.

**ТОРОҶГАР** تاراجگر ғоратгар, толонкунанда.

**ТОРОҶГАРДИДА** تاراجگردیده *сифати феълии замони гузашта аз* **тороҷ гардидан**; ғоратшуда, толонгардида.

**ТОРОҶГАРӢ** تاراجگری тороҷ кардани чизе, бо зӯр кашида гирифтани молу чизу чораи касе.

**ТОРОҶГАШТА** تراجگشته *сифати феълии замони гузашта аз* **тороҷ гаштан**; он ки мол ва мулкашро ғорат кардаанд; ҷойе, ки ғорат шудааст.

**ТОРОҶДИДА** تاراجدیده он ки молу мулкашро ғорат карданд, тороҷгашта.

**ТОРОҶӢ** تاراجی *мансуб ба* **тороҷ**; **пулҳои тороҷӣ** пулҳои бо роҳи ғорату тороҷ ба даст даромада.

**ТОРОҶКУНАНДА** تاراجکننده тороҷгар, ғораткунанда.

**ТОРОҶШУДА** تاراجشده толоншуда, ғоратшуда.

**ТОРС** تارس *тақлиди овози* садои кафидан ва таркидани чизе, якбора кафида роғ–роғ шудани чизе; **торс-торс** роғ–роғ, кафида роғ–роғ шудани чизе.

**ТОРСАКӢ** تارسکی зарбае, ки бо кафи даст ба рӯи касе зада шавад, шаппотӣ; **торсакии обдор** шаппотии сахт; **торсакӣ задан (фуровардан)** ба рӯи касе бо кафи даст шаппотӣ задан.

**ТОРТАНАК** تارتنک анкабут.

**ТОРТАНАНДА** تارتننده тор кашидан, танандаи тор.

**ТОРТАНӢ** تارتنی тор танидан.

**ТОРТУҚ** *т.* تارتوق *кҳн., таър.* он чи зердаст ба забардаст тақдим мекард, пешкаш, ҳадя;

**тортуқ кардан** пешкаш кардан, ҳадя тақдим кардан.

**ТОРУМ** طارم хонаи чӯбини тоқдор, хиргоҳ, шипанг.

**ТОРУМОР** تارومار пароканда, аз ҳам поши-дашуда, зерузабаршуда; несту нобуд; **торумор кардан** аз ҳам пошидан, несту нобуд кардан; **торумор гардидан (шудан)** зеру забар шудан, несту нобуд гардидан.

**ТОРФ** *олм.* تارف қабати ғафси боқимондаи растаниҳои нимпӯсида дар ботлоқзор, ки барои пору, сӯзишворӣ истифода мешавад.

**ТОРФДОР** تارفدار ҷойе, ки торфи зиёд дорад.

**ТОРФЗОР** تارفزار *ниг.* **торфдор**.

**ТОРФӢ** تارفی *мансуб ба* **торф**; аз торф тайёршуда.

**ТОРФКАНӢ** تارفکنی кандани торф барои сӯзишворӣ ё пору.

**ТОС I** طاس навъи матои ҷилодор.

**ТОС II** طاس лаган, тағораи мисӣ ё биринҷӣ, коса; ташт.

**ТОС III** طاس бемӯ, мӯяш рехта; **сари тос** сари бемӯ, сартос, кал.

**ТОС IV** تاس *кит.* қубба ва овезаҳое, ки ба нӯги найза ё парчам овехта мешавад.

**ТОС V** طاس//تاس *кит.* мӯҳраи нард.

**ТОС VI** تاس *ниг.* **тоса** I.

**ТОСА I** تاسه бемории саръ; **тоса гирифтан** пайдо шудани бемории саръ.

**ТОСА II** تاسه андӯҳ, малол, нороҳатӣ, нотинҷӣ; изтироб, беқарорӣ.

**ТОСАЗАДА** تاسزده мубталои бемории тоса, гирифтори бемории тоса.

**ТОСБОЗ** طاسباز шӯъбадабоз.

**ТОСБОЗӢ** طاسبازی шӯъбадабозӣ.

**ТОСИДА** *а.* تاسیده 1. пӯсида, буйгирифта. 2. хаставу ташна, кӯфта, дилгир.

**ТОСИДАН** تاسیدن 1. пӯсидан. 2. музтарибу андӯҳнок будан; ғамноку дилгир будан; хаставу кӯфта будан. 3. пай дар пай нафас кашидан.

**ТОСИНФӢ** تاصنفی томактабӣ.

**ТОСИШ** تاسش пӯсиш.

**ТОСӢ** طاسی сартосӣ, бемӯӣ, калӣ.

**ТОСКУЛОҲ** طاسکلاه кӯлоҳи филизӣ, ки барои аз зарба нигоҳ доштани сар мепӯшанд, *каска*.

**ТОСМОҲӢ** تاسماهی навъи моҳӣ.

**ТОССАР** طاسسر он ки сараш мӯ надорад.

**ТОССАРӢ** طاسسری сари бе мӯй доштан, калӣ, бемӯӣ.

**ТОТ** تات *гуфт., шакли кӯтоҳшудаи* **тоат**; то ба ту; то туро.

**ТОТ** تات номи яке аз қавмҳои эронинажод.

**ТОТАЛИТАРӢ** تاتلیتری тоталиторӣ, томравоӣ, яккасолорӣ.

**ТОТӢ** تاتی *мансуб ба* **тот**: **забони тотӣ** як шохаи забонҳои эронӣ.

**ТОТОР** تاتار 1. халқе ки забонаш мансуб ба гурӯҳи забонҳои туркӣ аст ва қисми асосии аҳолии Тотористонро ташкил медиҳад. 2. *кит.* муғул.

**ТОТОРӢ** تاتاری *мансуб ба* **тотор**.

**ТОТУ** تاتو аспи майдаҷуссаи кӯтоҳқад; ёбу.

**ТОТУЛА** تاتوله *бот.* 1. гиёҳи баландсоқаи калонбарги заҳрдор. 2. *ниг.* **тотура**.

**ТОТУРА** تاتوره *кит.* банде, ки бо он дасту пои чорпоён, махсусан асп ва хачирро мебанданд; ◊ **тотура ба ҳаво пошидан** чизи диданиро на-дидан ва фаҳмиданиро нафаҳмидан.

**ТОУН** *а.* طاعون *тиб.* бемории хеле сирояткунанда, навъи вабо.

**ТОУНЗАДА** طاعونزده он ки мубталои касалии тоун шудааст.

**ТОУНӢ** طاعونی *мансуб ба* **тоун**.

**ТОФТА** تافته 1. *сифати феълии замони гузашта* аз феъли **тофтан**. 2. навъи матои маҳини абрешимӣ.

**ТОФТАБАНД** تافتهبند банди тофта.

**ТОФТАБАНДӢ** تافتهبندی *мансуб ба* **тофтабанд**; тофтабанд тофтан.

**ТОФТАН I** تافتن тоб додан, печидан, ресидан; гардондан; **сар (гардан) тофтан** сар печидан,

нофармонӣ (саркашӣ) кардан; **рӯ тофтан** а) рӯй гардонидан, рӯйро ба сӯи дигар гардондан; б) рӯйгардон шудан, нигаристан нахостан; нафрат кардан.

**ТОФТАН** II تافتن 1. тобидан, дурахшидан, барафрӯхтан, рушноӣ афкандан, партав андохтан. 2. гарм кардан; **бахт тофтан** омад кардани бахт, рӯ овардани хушбахтӣ; **хушаш тобад...** майл кунад..., дилаш хоҳад...

**ТОХТ** تاخت 1. дав, рафтори тез; тозиш, давиш. 2. ҳамла овардан бар касе ё ба ҷое бо қасди ҷанг ё толону тороҷ, ҳуҷум.

**ТОХТА** تاخته 1. давида; давонда (аспро). 2. толоншуда, тороҷдида; **ғуломи тохта** *кӯҳн.* одами дар вақти тохт дастгир ва ба ғуломӣ фурӯхта шуда.

**ТОХТАН** تاختن 1. давидан, ба тоз рафтан, тозондан. 2. ҳуҷум овардан, ҳамла кардан. 3. ғорат кардан, ба тороҷ бурдан. 4. ба суръат овардан, ба тохт овардан.

**ТОХТУТОЗ** تاختوتاز давутоз, даводавӣ.

**ТОҲИР** *а.* طاهر покӣ, покиза.

**ТОҶ** تاج 1. кӯлоҳи бо ҷавоҳирот зинатдодашудае, ки шоҳу амирон дар маросимҳои расмӣ ба сар мегузоштанд. 2. ҳар чизи тоҷмонанд; **тоҷи сар** бузург, иззатманд, киромӣ (*дар мавриди ҳурмат ба касе гуфта мешавад*); **тоҷи сар кардан** *касеро*; бузург доштан, ҳурмат кардан касеро **тоҷи хурӯс** а) як порча гӯшти сурх, ки дар сари хурӯсҳост; б) номи гули сурхи машҳур; **тоҷу тахт** подшоҳӣ, ҳукмравоӣ, салтанат, соҳиби тоҷ: **тоҷи бузургӣ** *киноя аз* мартабаи подшоҳӣ; **тоҷи зар** тоҷе, ки шоҳон ба сифати тӯҳфа ба сарлашкарон медоданд. 3. *маҷ.* сар, сардор, пешвои баргузида.

**ТОҶВАР** تاجور тоҷдор, подшоҳ.

**ТОҶВАРӢ** تاجوری тоҷдорӣ, подшоҳӣ, шоҳӣ, соҳибтоҷ будан.

**ТОҶГУЗОРӢ** تاجگزاری маросими махсуси тоҷ ба сар ниҳодани подшоҳон.

**ТОҶГУЛ** تاجگل чанбари гул, ки барои эҳтиром бар сари касе гузоранд.

**ТОҶДОР** تاجدار он ки тоҷ бар сар дорад, подшоҳ.

**ТОҶИК** تاجیک 1. номи яке аз қадимитарини халқҳои Осиё, ки дар рушду такмили илму фарҳанги умумибашарӣ саҳми сазовор гузоштааст, тозак, тозик, тожик. 2. халқи таҳҷоии тамаддунофари Осиёи Марказӣ, ки кишвари Тоҷикистон бо номи он номгузорӣ шудааст. 3. *таър.* ғайритурк, он ки турку муғул набошад: турку тоҷик. 4. *таър.* ғайриараб, ғайритозӣ: тоҷику тозӣ. 5. *таър.* умуман эронӣ, мардуми форсизабон. 6. *маҷ.* тоҷдор, тоҷвар, соҳибтоҷ. 7. *таър., маҷ.* озода, озодаманиш. 8. *нав.* он чи сохта ва парвардаи зеҳни тоҷикон аст: **адабиёти тоҷик**, **фарҳанги тоҷик**, **санъати тоҷик**, **ҳунари тоҷик**; *ниг.* **тоҷикӣ** 1.

**ТОҶИКЗАБОН** تاجیکزبان он ки забони тоҷикӣ забони модарии ӯст.

**ТОҶИКИДОН** تاجیکیدان он ки забони тоҷикиро медонад, он ки забони тоҷикиро мефаҳмад ва ба он гап мезанад.

**ТОҶИКИСТОНӢ** تاجیکستانی *мансуб ба* **Тоҷикистон**; бошанда ва сокини Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**ТОҶИКӢ** تاجیکی 1. *мансуб ба* **тоҷик**: **ҷомаи тоҷикӣ**. 2. *маҷ.* нармӣ, ҳалимӣ, хушмуомилагӣ; *муқоб.* **туркӣ**.

**ТОҶИКНИШИН** تاجیکنشین кишвар, шаҳр ва ноҳияе, ки тоҷикон дар он иқомат доранд.

**ТОҶИКОНА** تاجیکانه *мансуб ба* **тоҷик**; монанди тоҷикон; **рӯйи тоҷикона** *маҷ.* чеҳраи ниҳоят зебои тоҷикӣ.

**ТОҶИКШИНОС** تاجیکشناس олиме, ки бо тоҷикшиносӣ машғул аст (*асосан дар ҳаққи олимони ғайритоҷик гуфта мешавад*).

**ТОҶИКШИНОСӢ** تاجیکشناسی илме, ки ба омӯхтани ҳаёти сиёсию иқтисодӣ, таърих ва маданияти гузаштаю ҳозираи тоҷикон машғул аст.

**ТОҶИР** *а.* تاجر тиҷораткунанда, савдогар.

**ТОҶИРӢ** تاجری савдогарӣ, бозаргонӣ.

**ТОҶИХУРӮС** تاجخروس 1. гӯште, ки дар болои сари мурғ аст. 2. номи чанд навъ алафи зинатие, ки ба тоҷи хурӯс шабоҳат доранд

**ТОҶИЛМУЛУК** تاجالملوک//تاجالملک гиёҳи алафӣ, зинатӣ ва коштанӣ ё худрӯй.

**ТОҶХОҲ** تاجخواه тоҷталаб, даъвогари тоҷу тахти шоҳӣ.

**ТОҶХОҲӢ** تاج‌خواهی тоҷталабӣ.

**ТОШ** تاش 1. доғи сурхест, ки бар рӯи одам пайдо мешавад. 2. *гуфт., шакли кӯтоҳшудаи* **тоаш**; то ба ӯ, то ӯро (*ба охири исмҳо ҳамроҳ шуда ҳамроҳиро мефаҳмонад*). 3. унвони амирони турк.

**ТРАЕКТОРИЯ** *лот.* ترئکتاریه 1. роҳи ҳаракати ягон ҷисм ё нуқта. 2. хати парвози тир.

**ТРАКТОР** *англ.* ترکتار мошини худгард барои кор дар соҳаҳои гуногуни кишоварзӣ (*мас., кашидани мошинҳои гуногун, ҳамвор кардан, кофтан ва г.*).

**ТРАКТОРРОН** ترکتارران ронандаи трактор.

**ТРАКТОРРОНӢ** ترکتاررانی рондани трактор.

**ТРАКТОРСОЗӢ** ترکتارسازی сохтану дуруст кардани трактор.

**ТРАНЗИТ** *лот.* ترنزیت ҳамлу нақли мусофирон, мол ва васоили нақлиёт аз як мамлакат ба мамлакати дигар аз дохили кишваре, ки дар байн воқеъ аст, гузар.

**ТРАНЗИТӢ** ترنزیتی *мансуб ба* **транзит**.

**ТРАНСКРИПСИЯ** *лот.* ترنسکریپسیه *збш.* ҳарф ё ишораҳои махсус барои ифодаи нозукиҳои тарзи талаффузи садоҳои забонҳо ва лаҳҷаҳо, овонависӣ, овонавишт.

**ТРАНСФОРМАТОР** *лот.* ترنسفارمتار дастгоҳ (аппарат) барои зиёд ё кам кардани шиддати қувваи барқ.

**ТРАПЕТСИЯ** *ю.* ترپتسیه трапетсия, мунҳариф, чоркунҷае, ки ду тарафаш байни худ мутавозӣ ва ду тарафи дигараш ғайримутавозӣ мебошанд.

**ТРАХОМА** *а.* ترخامه дарди гузаранда ва кашолёбанда дар пилкҳои чашм.

**ТРИАДА** *ю.* تری‌آده сегона.

**ТРИБУНА** *лот.* تریبونه минбар, минбари суханварон.

**ТРИБУНАЛ** *лот.* تریبونل маҳкамаи олии қазоӣ (судӣ): **трибунали ҳарбӣ** суди ҳарбӣ.

**ТРИГОНОМЕТРИЯ** *ю.* تریگانامتریه як қисми ҳандаса, боби таносуби тарафҳо ва кунҷҳо (зовияҳои секунҷа); мусалласот.

**ТРИКО** *фр.* تریکا 1. як навъ матои пашмин. 2. либоси махсуси ҳунарварон ва варзишгарон.

**ТРИКОТАЖ** *фр.* تریکاتژ матои бо мошин бофташуда ва либосҳое, ки аз ин қабил матоъ дӯхта шудаанд, матои кашбофт, кашбоф.

**ТРИКОТАЖБОФӢ** تریکاتژبافی истеҳсоли матоъҳои бофтаи мошинӣ; корхонаи кашбофӣ.

**ТРИОД** *ю.* تریاد лампаи электронии сеэлектродӣ.

**ТРИПСИН** *ю.* تریپسین *анат.* ферменти ҳозима.

**ТРИТИЙ** *лот.* تریتی *хим.* унсури химиявӣ, изотопи ҳидроген.

**ТРИФТОНГ** *ю.* تریفتانگ *збш.* як шуда омадани се овози садонок дар як ҳиҷо.

**ТРОЛЛЕЙБУС** *англ.* ترالیبوس нақлиёти дохилишаҳрӣ, ки бо қувваи барқ кор мекунад; автобуси барқӣ.

**ТРОЛЛЕЙБУСРОН** ترالیبوس‌ران ронандаи троллейбус.

**ТРОМБОН** *ит.* ترامبان як навъи карнаи мисӣ.

**ТРОМБОННАВОЗ** ترامبان‌نواز навозандаи тромбон (карнай).

**ТРОПИКӢ** تراپیکی минтақаи гармсер.

**ТРОПОСФЕРА** *ю.* تراپاسفیره қабати поёнии ҳаво.

**ТУ** تو ҷонишини шахси дуюми танҳо; **ту (ту-ту) гуфтан** ба касе «ту» гуфта муроҷиат кардан; касеро писанд ва эҳтиром накардан.

**ТУБАК** توبک 1. зарфи сафолине, ки гулҳои хонагиро дар он парвариш медиҳанд, гулдон:; **тубаки гул**. 2. зарфи махсус барои шошаи кӯдакон дар гаҳвора.

**ТУБО//ТУБӢ** *а.* طوبی *ниг.* **тӯбо**.

**ТУБОН** توبان *кит.* шалвори махсуси чармӣ, ки гӯштингирон дар вақти варзиш мепӯшанд.

**ТУВАРА** تواره *ниг.* **тавора**.

**ТУГМА** تگمه 1. пулаки устухонӣ, филизӣ *ва г.* барои ба ҳам бастани гиребон, барои либос ва чизҳои дигар истифода мешавад. 2. пахшаки махсус барои пайвастани қувваи барқ ба нуқтаи даркорӣ ( *мас., ба чароғ, занг ва г.*).

**ТУГМАБАНД** تگمه‌بند бо тугма бастан.

**ТУГМАДОР** تگمه‌دار дорои тугма.

**ТУГУН** *т.* تگن *гуфт.* 1. гиреҳ. 2. бӯғча, бастаи рӯмол *ва г.*; **тугун кардан** гиреҳ задан, баста (печонда) мондан; (чизеро); ҷамъ ва захира карда мондан.

**ТУГУНЧА** تگنچه *гуфт.* бӯғчаи хурд, бастаи хурд.

**ТУГУНЧАК** تگنچک *ниг.* **тугунча**.

**ТУҒ** I طوغ мӯи думи асп, ки ба нӯги чӯби байрақ мебастанд; байрақ.

**ТУҒ** II *т.* توغ 1. гиёҳи алафӣ ва худрӯй, ки баргҳои байзавии хордор дорад; тӯғ. 2. дарахтест, ки ҳезуми он муддати дароз месӯзад.

**ТУҒАК** توغک байрақча.

**ТУҒБАРДОР** توغبردار байрақбардор.

**ТУҒЁН** توغیان 1. аз андоза берун баромадан, аз ҳадди худ таҷовуз кардан. 2. аз ҳад зиёд боло омадани оби дарё, обхез. 3. *маҷ.* нофармонбардорӣ, саркашӣ, шӯриш, қиём; **туғён кардан** а) аз ҳад зиёд боло омадани оби дарё; б) шӯридан.

**ТУҒРО** *т.* طغرا 1. *таър.* гулхате, ки аз ҳарфҳои аввали ном ва лақаби шоҳ дар сари фармонҳои шоҳон навишта мешуд; *маҷ.* фармони шоҳ. 2. навъе аз хатти насх.

**ТУҒРОКАШ** طغراکش он ки ба хатти туғро менависад; туғронавис.

**ТУҒРОНАВИС** طغرانویس *ниг.* **туғрокаш**.

**ТУК** تک *кит.* 1. нӯли паранда. 2. нӯги корд, ханҷар.

**ТУҚАЙЗОР** *т.* طوقیزار *гуфт.* бешазор, ҷангалзор; буттазор, найзор

**ТУЛАК** تولک резиши пари парандагон, пари худро иваз кардани парандагон; **тулак кардан** пар рехтани парандаҳо.

**ТУЛАНГ** تلنگ *кит.* орзу; эҳтиёҷ, ниёз, зарурат.

**ТУЛУМ** تلم *гуфт.* зарфи чармине, ки дар он об, равған, шиннӣ *ва г.* нигоҳ медоранд, хик, машк; **ангури тулум** донаи ангури дарунаш мулоим ва вайроншуда.

**ТУЛӮЪ** *а.* طلوع баромадани офтоб ё ситора; зоҳир ва намоён шудани чизе; **тулӯъ кардан** баромадан, зоҳир шудан: **тулӯи субҳ** сар шудани саҳар.

**ТУЛӮЪКУНАНДА** طلوع‌کننده бароянда.

**ТУЛФОР** تلفار 1. аспи тунди камқувват. 2. *маҷ.* одами ношуд, ноӯҳдабаро. 3. *маҷ.* бачаи нозуки нозпарвард барои шахсони наздикаш.

**ТУМАН** I تومن бухоре, ки дар ҳавои боронӣ ва рутубатнок пайдо шуда, ҳаворо тира мекунад, ҳавои ғайришаффофи пур аз буғҳои об ва олуда бо гард.

**ТУМАН//ТУМОН** II *т.* تومن//تومان воҳиди ҳудуди тақсимоти маъмурӣ дар Бухорои амирӣ, музофот, ноҳия; **тумани Шофирком**, **тумани Вобканд**.

**ТУМАНОЛУД** تمن‌آلود олудаи дуд, олудаи чангу ғубор.

**ТУМТАРОҚ** طمطراق *гуфт.* бо карру фар, бо шукӯҳу дабдаба; печида ва муғлақ: **суханҳои тумтароқ**.

**ТУМШУҚ** *т.* تمشق *гуфт.* гирдогирди даҳони ҳайвоноти чорпо; фук, пуз, қисми поёни манаҳ; **тумшуқ кардан** *бар касе*; **тумшуқаш овезон** *маҷ.* ранҷидахотир, гирифтарӯй, дилгир.

**ТУМШУҚБАНД** تمشق‌بند *гуфт.* тӯри аз сим ё тасма бофташудае, ки ба даҳони саг ва ҳайвоноти дигар мебанданд, то касеро нагазад; даҳонбанд, фукбанд.

**ТУНБОН** تنبان эзор, шалвор.

**ТУНГ** تنگ кӯза, кӯзаи об, зарфи шишагин бо гардани танги дароз барои об, шароб *ва г.*

**ТУНД** تند 1. тез, башиддат, бошитоб. 2. мазаи тез, таъми тезу сӯзон (*мас.*, *мазаи мурч*); **боди тунд** боди сахт, боди бошиддат вазанда; **миҷози тунд** *маҷ.* табиати зуд асабонӣ ва хашмгиншаванда, хулқи тез; **тунд шудан** талхмаза шудан (*мас., бо зиёдии мурч ва г.*); **тезу тунд** бо шиддат; **тунд шудан (тунду тез шудан)** *бо касе* муомилаи дурушт кардан; ба ҷаҳл омада гапи сахт задан ба касе; бо қаҳру хашм гап задан; **тунди халахӯр** одами зудранҷи бадҷаҳл, гапнодаро, бадзабони зудхашм. 3. *маҷ.* хашмгин, ғазабнок. 4. *маҷ.* сахт, бошиддат. 5. *маҷ.* фароз чарми рост буридашуда. 6. *маҷ.* талх, тезтаъм, сӯзон.

**ТУНДА** تنده муғҷаи дарахт.

**ТУНДАК** تندک тезак.

**ТУНДАР//ТУНДУР** تندر ғурриши абр, раъд.

**ТУНДБОД** تندباد боди сахти башиддат; гирдбод.

**ТУНДБӮ** تندبو бӯи тунд.

**ТУНДГАП** تندگپ бадгап, сахтгап.

**ТУНДГАПӢ** تندگپی бадгапӣ.

**ТУНДЗЕҲН** تندذهن зеҳни тез.

**ТУНДЗАБОН** تندزبان сахтгап, бадгап, дурушт-гӯй, теззабон.

**ТУНДИДАН** I تندیدن сабзидан, муғча бастан.

**ТУНДИДАН** II تندیدن тезӣ кардан, оташин шудан, хашмгин шудан.

**ТУНДӢ** تندی 1. тезӣ, шиддат, ҳиддат, суръат; тезӣ дар таъм ва маза.

**ТУНДМАЗА** تندمزه ҳар чизе, ки мазаи он тунд мебошад, тезмаза.

**ТУНДНАВИС** تندنویس он ки тез менависад, касе, ки чараёни ҷаласаеро менависад.

**ТУНДНАВИСӢ** تندنویسی тез навиштан, тезнависӣ, амали тунднавис.

**ТУНДМИҶОЗ** تندمجاز бадхӯ, хашмгин, бадзабон, бадрафтор, бадфеъл.

**ТУНДМИҶОЗӢ** تندمجازی бадрафторӣ, хашмгинӣ, бадфеъли, оташинӣ.

**ТУНДПАРВОЗ** تندپرواز тезпарвоз, ба шитоб ва тез парвозкунанда.

**ТУНДРАВ** تندرو он ки тез роҳ меравад; тезрав, тезтак; *муқоб.* **танграв**, **кундрав**.

**ТУНДРАВӢ** تندروی тез рафтан, якравӣ.

**ТУНДРАФТОР** تندرفتار 1. бадрафтор, бадмуомила, дағал дар муомила бо касон (*нисбат ба одам*). 2. тезгард (асп).

**ТУНДРАФТОРӢ** تندرفتاری бадмуомила будан, рафтори бад доштан, бадрафторӣ.

**ТУНДРОЙ** تندرائی *кит.* беандешагӣ, саросемакорӣ.

**ТУНДРОЙ** تندرو(ی) беандеша, саросемакор, рафтори беандеша, муносибати саросеманок.

**ТУНДРӮ(Й)** تندرو(ی) туршрӯй.

**ТУНДТОЗ** تندتاز он ки тез метозад, тезрав, тезрафтор.

**ТУНДУР** تندر *ниг.* **тундар**.

**ТУНДФЕЪЛ** تندفعل хислати бад, тез доштан, бадхӯ, тундхӯ.

**ТУНДФЕЪЛӢ** تندفعلی феъли тунд доштан.

**ТУНДХАШМӢ** تندخشمی бадҷаҳлӣ, бадқаҳрӣ.

**ТУНДХЕЗ** تندخیز тундрав, ба суръат ва бошитоб ҷаҳанда.

**ТУНДХУЛҚ** تندخلق хулқи бад, бадхулқ, бадхулқӣ.

**ТУНДХУЛҚӢ** تندخلقی хӯи бад доштан, тундхулқ будан.

**ТУНДХӮ(Й)** تندخو(ی) бадхулқ, оташмизоҷ, тезхашм.

**ТУНДХӮӢ** تندخوئی бадҷаҳлӣ, тезхашмӣ, бадхулқӣ.

**ТУНЕЛ** *англ.* تنل нақб, долони дар зери замин ва ё аз байни кӯҳҳо канда ва махсусан таҷҳизонидашуда барои гузариши қатори роҳи оҳан, роҳи автомобилӣ, оби иншоотҳои обрасонӣ *ва г.*

**ТУНЕЛСОЗ** تنلساز он ки дар сохтмони роҳи зеризаминӣ иштирок менамояд.

**ТУНЕЛСОЗӢ** تنلسازی *мансуб ба* **сохтани роҳи зеризаминӣ**.

**ТУНТОБ** تونتاب *кит.* касе, ки дар оташдони ҳаммом оташ меафрӯзад, гулахӣ.

**ТУНӢ** تونی *кит.* 1. гулханӣ, гулхантоб, гулахӣ. 2. айёр, дузд.

**ТУНУК** تنک 1. пахни нозук, маҳин, латиф; *муқоб.* **ғафс**; **нони тунук** нони пахни нозук. 2. сирак; кам, андак; *муқоб.* **анбӯҳ ва ғулӣ**; **хоби тунук** *муқоб.* **хоби сахт; шӯрбои тунук** шӯрбои суюқ (рақиқ), *муқоб.* **ғализ**.

**ТУНУКА** تنکه оҳани пахну тунуки варақ – варақ, ки бо он бомҳоро мепӯшанд ва асбобу анҷоми гуногун месозанд.

**ТУНУКАГӢ** تنکگی аз тунук сохташуда.

**ТУНУКАКОРӢ** تنکه‌کاری бо тунука пӯшонида.

**ТУНУКАПОРА** تنکه‌پاره пораи тунука.

**ТУНУКАПӮШ** تنکه‌پوش бо тунука пӯшонидашуда.

**ТУНУКАСОЗ** تنکه‌ساز он ки аз тунука асбобҳои гуногун месозад.

**ТУНУКАСОЗӢ** تنکه‌سازی амал ва шуғли тунукасоз, устохонаи (коргоҳи) тунукасоз.

**ТУНУКБИЗОАТ** تنک‌بضاعت *кит.* камбағал, қашшоқ.

**ТУНУКДИЛ** تنکدل *киноя аз* раҳмдил, нармдил.

**ТУНУКЗАРФ** تنک‌ظرف *кит.* 1. дорои зарфи тунук. 2. *киноя аз* камтоқат, бетоқат.

**ТУНУКӢ** تنکی нозукӣ, маҳинӣ, ғафсу анбӯҳ набудан.

**ТУНУКҚАБАТ** تنک‌قبت қабати тунук ва маҳин.

**ТУНУКМАҒЗ** تنک‌مغز *кит., киноя аз* одами сабук, сабукмағз, камақл.

**ТУНУКМОЯ** تنک‌مایه *кит.* камсармоя, камбизоат, камбағал.

**ТУНУКОБ** تنک‌آب дарё, наҳр, ҷӯй, ки обаш зиёд нест; камумқ, камоб; ҷои камоби дарё, ки аз он ҷо гузаштан мумкин аст.

**ТУНУКОБА** تنک‌آبه ҷойи камоби дарё.

**ТУНУКПӮСТ** تنک‌پوست он чи пӯсти тунук дорад: **лимӯи тунукпӯст**.

**ТУНУКРИШ** تنک‌ریش он ки мӯи ришаш анбӯҳ нест, камриш.

**ТУНУКРӮЙ** تنک‌روی *кит.* шармгин, маҳҷуб.

**ТУНУКРӮШНОӢ** تنک‌روشنائی *кит.* нимравшанӣ, нимторикӣ; он чи рӯшноии кам дорад.

**ТУНУКШАРОБ** تنک‌شراب *кит.* он ки зуд маст мешавад.

**ТУППА** توپه *лаҳҷ.* угро; навъи таоми хамирӣ, ки он паҳн-паҳн бурида мешавад.

**ТУППАКАШАК** توپه‌کشک он чи бо он туппаро мекашанд.

**ТУР** تر калимае, ки вақти рондани саг гуфта мешавад.

**ТУРБ** ترب решаи хӯрокии сабзаи полизӣ, ки маза ва бӯи тунд дорад.

**ТУРБАТ** *а.* تربت 1. хок. 2. *маҷ.* қабр, гӯр.

**ТУРБАТХОНА** تربت‌خانه хонаи охират.

**ТУРБИНА** *фр.* تربینه муҳаррики паррадоре, ки дар он қувваи буғ, газ ё оби равон ба қувваи механикӣ табдил меёбад.

**ТУРБИНАСОЗӢ** تربینه‌سازی сохтани турбин.

**ТУРБОГЕНЕРАТОР** *фр.* تربا‌گنیرتار генератори барқӣ, ки бо қувваи турбинаи газ ё бухор кор мекунад.

**ТУРБТАРОШ** ترب‌تراش асбоби филизӣ, ки сӯрохчаҳои майда-майдаи зиёде дорад, турб, сабзӣ ва ғайраро ба он суда майда мекунанд.

**ТУРБЧА** تربچه аз сабзавоти хӯрданӣ, турби хурд, ки сурхранг мешавад; шалғамча.

**ТУРИЗМ** *фр.* ترزم *ниг.* **ҷаҳонгардӣ**.

**ТУРИСТ** *фр.* تورست *ниг.* **ҷаҳонгард**.

**ТУРК** ترک халқи забонаш мансуб ба гурӯҳи забонҳои туркӣ, ки сокинони асосии Туркияро ташкил медиҳад.

**ТУРКЗАБОН** ترک‌زبان халқе ё касе, ки ба забони туркӣ гуфтугӯ мекунад.

**ТУРКИДОН** ترکی‌دان он ки забони туркиро мефаҳмад ва бо он гап мезананд.

**ТУРКӢ** ترکی 1. *мансуб ба* **турк**. 2. забони туркон. 3. *маҷ.* ҳуҷуми ногаҳонӣ, ғоратгарӣ, зулму ситам. 4. *маҷ.* тундӣ, тундхӯӣ.

**ТУРКМАН** ترکمن халқи забонаш мансуб ба гурӯҳи забонҳои туркӣ, мардуми асосии Туркманистон.

**ТУРКОНА** ترکانه ба мисли туркон, ба расму оини туркон, турквор.

**ТУРКОНХИДЕВ** ترکان‌خدیو *кит.* шоҳи туркон.

**ТУРКТОЗ** ترک‌تاز *кит.* ба мисли туркон ҳуҷум кардан, ба ногоҳ ҳуҷум кардан, ҳамлаи ногаҳонӣ барои тороҷу куштор.

**ТУРКҶӮШ** ترک‌جوش *кит.* гӯшти нимпухта, ки хӯрдани он одати туркон аст; **туркҷӯш кардан** а) гӯштро андак ҷӯшондан; б) *киноя аз* саросемавор ва нимкола анҷом додани коре.

**ТУРКШИНОС** ترک‌شناس он ки забону таъриху маданияти туркҳоро меомӯзад.

**ТУРКШИНОСӢ** ترک‌شناسی як соҳаи илм, ки за-

бон, адабиёт, иқтисод, таърих ва дигар масъалаҳои халқҳои туркро таҳқиқ менамояд.

**ТУРМ** ترم пояи дар; он қисми дар, ки ба остонаю болодарӣ банд мешавад.

**ТУРНА** ترنه куланг.

**ТУРНАҚАТОР** ترنه‌قطار *маҷ.* сафкашида, қаторшуда, паси ҳам.

**ТУРОБ** *а.* تراب хок; замин; **хоку туроб кардан** несту нобуд (помолу маҳв) кардан; **хоку туроб шудан** тамоман несту нобуд шудан.

**ТУРОНӢ** تورانی *мансуб ба* **тур**; аҳли Турон.

**ТУРРА** طره 1. фаши салла. 2. дастаи мӯи тобида дар канори пешонӣ, зулф; **турраи сунбул** хӯшаи сунбул; *маҷ.* зулфи маҳбуба

**ТУРС** I ترس *кит.* маҳкам, сахт, устувор.

**ТУРС** II ترس *кит.* сипар.

**ТУРУНҶ** ترنج 1. мевае аз ҷинси лиму ва афлесун. 2. *маҷ.* занахдон, занахдони ёр.

**ТУРУШ** ترش *ниг.* **турш**.

**ТУРФА** *а.* طرفه чизи тоза, нав; аҷиб, хушоянд, шигифтовар; камёб.

**ТУРШ//ТУРУШ** ترش он чи мазаи лиму ё сирко дорад; **турш кардан рӯй** (**пешона**)-ро пешонӣ ва рӯйро пурчин кардан ба аломати норизоӣ ё ғазаб.

**ТУРШАК** ترشک навъи ғӯлинг.

**ТУРШИДАН** ترشیدن турш шудан, туршӣ пайдо кардан; туршида вайрон шудан (*мас.*, *шир*).

**ТУРШӢ** ترشی 1. ҳолати чизи турш, сиркодорӣ. 2. сабзавоти ба сирко хобонидашуда; **туршии меъда** дараҷаи турш будани (оби) меъда; сӯзиши меъда.

**ТУРШМАЗА** ترش‌مزه он чи таъми турш дорад.

**ТУРШМОНАНД** ترش‌مانند ба сони турш, дорои мазаи турш.

**ТУРШОН(И)ДАН** ترشاندن//ترشانیدن турш кардан, ба ҳоли туршӣ расондан.

**ТУРШРӮ(Й)** ترشرو(ی) он ки рӯи пурчин дорад; бадқавоқ, тирарӯй.

**ТУРШРӮЁНА** ترشرویانه тирарӯёна.

**ТУРШРӮӢ** ترشروی бадқавоқӣ, тирарӯӣ, тундхӯӣ.

**ТУТ** توت дарахти машҳур, ки баргаш ғизои кирми пилла аст ва меваи ширини он хӯрданист; **тути балхӣ** тути калон – калони сершираи ширин; **тути марворид** тути майда–майдаи сафеди ширин; **тути хасак** тути ёбоӣ, тути бепайванди камшира ва фаҷ; **тут барин рехтан** якбора ва паёпай афтодан, кушта шудан (*мас., аз тирборон*).

**ТУТАНҶИР** توت‌انجیر анҷири тутмонанд.

**ТУТАФШОНӢ** توت‌افشانی шохи дарахти тутро таконда ба рӯи боғҷома резондани донаҳои пухтаи он.

**ТУТЗОР** توت‌زار ҷои анбӯҳии дарахтони тут, тутистон.

**ТУТИЛА** توتیله он ки вақти гап задан забонаш гирифта ҳарфҳоро дуруст талаффуз карда наметавонад; он ки забонаш лакнат дорад; алкан, кундзабон, сақав.

**ТУТИЛАГӢ** توتیلگی тутила будан, гирифтани забон, кундзабонӣ.

**ТУТМАВИЗ** توت‌مویز донаҳои хушк кардашудаи тут.

**ТУТПАЗ(Ӣ)** توت‌پز(ی) мавсими пухтани тут.

**ТУТПАРВАРӢ** توت‌پروری парвариши дарахтони тут барои хӯроки кирми пилла.

**ТУТХӮРӢ** توت‌خوری меваи тутро хӯрдан; **ба тутхурӣ баромадан** ба сайри тутзор баромадан бо мақсади чида хӯрдани тут.

**ТУТШИНОНӢ** توت‌شنانی амали шинондани ниҳоли тут.

**ТУФ** تف оби даҳон, оби даҳон, ки аз даҳон берун андозанд; **туфи лаънат** ба аломати нафрин ва изҳори танаффур оби даҳон андохтан ба касе; **туф кардан (ба рӯи** *касе*) изҳори нафрат кардан; **туф бар ту!** лаънат бод бар ту!.

**ТУФАЙЛ** *а.* طفیل 1. **аз (ба) туфайли…** дар сояи…, ба сабаби…, барои…, аз боиси…, ба воситаи… 2. меҳмони нохонда, меҳмоне, ки бо меҳмони хонда омадааст; *маҷ.* муфтхӯр.

**ТУФАЙЛИХӮР** طفیلی‌خور муфтхӯр.

**ТУФАЙЛӢ** طفیلی 1. нохонда, ногаҳонӣ омада. 2. *маҷ.* муфтхӯр; **меҳмони туфайлӣ** он ки бе даъват ба дигарон ҳамроҳ шуда ба меҳмонӣ омадааст.

**ТУФАНГ** تفنگ милтиқ.

**ТУФАНГДОР** تفنگدار он ки милтиқ ба даст ё ба дӯш дорад; соҳиби милтиқ.

**ТУФАНГПАРОНӢ** تفنگپرّانی тир холӣ кардан.

**ТУФАНГСОЗ** تفنگساز милтиқсоз.

**ТУФАНГЧА** تفنگچه таппонча.

**ТУФДОН** تفدان зарфи махсус барои андохтани оби даҳон, балғам *ва г.*

**ТУФУЛИЯТ** *а.* تفولیت тифлӣ, кӯдакӣ, бачагӣ.

**ТУХМ** تخم 1. донаи наботот, ки кошта мешавад. 2. байзаи мокиён ва парандагони дигар; **аз тухм баромадан** тухмро шикаста баромадани чӯҷа; **тухми** *чизеро* **нест кардан (кандан)** бунёди чизеро барандохтан, асли чизеро нест кардан, чизеро тамоман нест кардан; донаи гиёҳи рӯяндаеро коштан; **тухм пахш кардан** а) ба рӯи тухм (байза) хобидани мурғон; б) *маҷ.* муддати дароз аз хона набаромадан; **тухми** *чизеро* **коштан** бунёд гузоштан ба коре ё чизе; **тухми нимдунбул** тухми нимпухтаи сахтношуда. 3. *маҷ.* нутфа, манӣ; асл, нажод.

**ТУХМА** تخمه ҷанин; насаб, нажод.

**ТУХМБИРЁН** تخمبریان дар равған бирён кардани тухм (байза).

**ТУХМБОЗӢ** تخمبازی бозӣ кардан бо байзаи пухтаи мурғ, бозӣ ба воситаи ба ҳам задани нӯги ду тухм аз тарафи ду ҳариф то шикастани яке аз тухмҳо.

**ТУХМГУЗОРӢ** تخمگزاری **:айёми тухмгузорӣ** мавсими барои ҷӯҷабарорӣ тухм мондани паранда ва мурғон.

**ТУХМДОН** تخمدان узве, ки ҷанини ҷонварон ва растаниҳо дар дохили он нашъунамо мекунад; қисми узви ҷинсии занон (модина), ки ҳуҷайратухм дар он ба вуҷуд меояд.

**ТУХМЗО** تخمزا мурғе ё парандае, ки тухм мекунад.

**ТУХМЗОӢ** تخمزائی зоидани тухм, тухм кардан.

**ТУХМИКОР** تخمیکار он ки тухм мепошад, деҳқон, барзгар.

**ТУХМИКОРӢ** تخمیکاری *мансуб ба* **тухм**.

**ТУХМИПАРВАР** تخمیپرور хоҷагии ба таври махсус ба кишт омодакунандаи донаҳои тухмӣ.

**ТУХМИПАРВАРӢ** تخمیپروری *мансуб ба* парваридани тухм

**ТУХМӢ** تخمی ғалла ё пунбадонаи махсус барои кишт ҷудо шуда.

**ТУХММОНӢ** تخممانی тухмгузорӣ; **тухммонии моҳиён** барои давом додани насл тухм гузоштани моҳиён.

**ТУХММУҒҶА** تخممغجه ҷанини тухм.

**ТУХМПАРТОӢ** تخمپرتائی партофтани тухм.

**ТУХМПОШАК** تخمپاشک мошин барои пошидан (киштани дона).

**ТУХМПОШӢ** تخمپاشی афшонидани тухм (базр) дар кишт, зироат.

**ТУХМҲУҶАЙРА** تخمهجیره ҳуҷайратухм.

**ТУХМҶАНГ** تخمجنگ *ниг.* **тухмбозӣ**.

**ТУХМШАКЛ** تخمشکل *ҳанд.* байзавӣ, эллипсӣ (*яке аз шаклҳои ҳандасӣ*).

**ТУҲАФ** *а.* تحف *ҷ.* **тӯҳфа**.

**ТУҶҶОР** تجار *ҷ.* **тоҷир**.

**ТУШ** توش 1. тӯша. 2. қувва, қудрат.

**ТУШБЕРА** توشبیره гӯшти кӯфтаи ба хамири тунуки чоркунҷаи майда буридашудаи ба тарзи махсусе печондашуда, ки дар об ҷӯшонда пухта мехӯранд, ҷӯшбара; ◊ **тушбераро хом шумурдан** хаёли хом шумурдан, кореро саҳл шумурдан, бемулоҳизагӣ кардан; **ғараз аз тушбера гӯшт хӯрдан аст** василаҳои гуногун баҳонаеанд барои ба даст овардани мақсади асосӣ.

**ТУШБЕРАГИРАК** توشبیرهگیرک асбобе, ки бо он тушберара мегиранд.

**ТӮ** I تو *кит.* 1. қабат, ло; **тӯ ба тӯ** қабат ба қабат, печ дар печ, дарун ба дарун. 2. дарун, дохил, андарун.

**ТӮ** II تو *кит.* саршир, қаймоқ.

**ТӮБ** I توب *гуфт.* 1. гурӯҳ, даста, издиҳом. 2. ғарам, ғун, чош; **тӯб кардан** ҷамъ кардан; ғарам (ғун) кардан; **тӯб шудан** ҷамъ шудан; ғарам (ғун шудан).

**ТӮБ** II توب бастаи чизе, даста (*мас., матои либосворӣ*); **тӯб-тӯб** даста-даста, тӯда-тӯда.

**ТӮБ** III توب ҳаппак (*асбоби бозӣ*); **тӯби футбол**.

**ТӮББОЗӢ** توببازی бозӣ бо тӯб.

**ТӮБӢ** *а.* طوبی дарахти серсояи афсонавӣ дар ҷаннат, ки гӯё меваҳои гуногун ва хушбӯй доштааст.

**ТӮБО** طوبی *ниг.* **тубӣ.**

**ТӮБРА** توبره 1. тӯрба, емхалта, халтае, ки ба он коҳу алафу ҷав мегиранд ва бар сари асп, хар *ва г.* меовезанд. 2. халта, халтаи бенавоён.

**ТӮБСАДА** توبسده навъе аз дарахти сада, ки намуди даврашакл дорад.

**ТӮБЧА** توبچه *шакли тасғири* **тӯб**, тӯби хурд.

**ТӮҒ** توغ *ниг.* **туғ**.

**ТӮҒРӢ** *т.* توغری *гуфт.* рост, дуруст; **тӯғрӣ омадан** мувофиқ ва баробар воқеъ шудан.

**ТӮДА** توده 1. ҳар чизе, ки болои ҳам рехта тӯб карда шуда бошад, анбӯҳ, ғарам. 2 тал, пушта.

**ТӮДАБАРГ** تودهبرگ баргтӯда.

**ТӮДАБОЗ** تودهباز ҳизббоз, гурӯҳбоз.

**ТӮДАБОЗӢ** تودهبازی ҳизббозӣ.

**ТӮДАГУЛ** تودهگل тӯдаи гулҳо.

**ТӮДАКАШ** تودهکش аз паси худ баранда.

**ТӮДАСИТОРА** تودهستاره ҷамъи ситораҳо.

**ТӮЁНА** طویانه ҳадяи тӯй.

**ТӮЙ** *т.* توی//طوی ҷашн, ид: **тӯйи арусӣ**, **тӯйи хатна**.

**ТӮЙГАРДӢ** تویگردی тӯй ба тӯй гаштан.

**ТӮЙФУРОРӢ** تویفراری арӯсфурорӣ.

**ТӮЙХАБАР** تویخبر он ки ба тӯй хабар мекунад.

**ТӮЙХОНА** تویخانه хонаи тӯйдор.

**ТӮЙХӮР** تویخور иштирокдори тӯй.

**ТӮЙЧА** تویچه тӯи хурд.

**ТӮЗ** توز *кит.* пӯсти дарахти сахт, ки бар камон, зини асп *ва г.* мепечонданд.

**ТӮЗИДАН** توزیدن 1. андӯхтан, ҷамъ кардан. 2. тороҷ кардан, тала кардан.

**ТӮҚАЙЗОР** طوقیزار *гуфт.* бешазор, ҷангалзор.

**ТУҚСАБО** *т.* توقسبا *таър.* яке аз мансабҳои олии сипоҳӣ дар аморати Бухорои давраи амирӣ.

**ТӮҚ-ТӮҚ** توق توق *тақлиди овоз* садои паи ҳам задании чизи сахт. (*мас., путк*)

**ТӮҚУМ** *т.* توقم полони хар, **тӯқум кардан (задан)** полон гузоштан.

**ТӮҚУМДӮЗ** توقمدوز он ки тӯқум (полони хар) медӯзад.

**ТӮҚУМШУЛЛУК** توقمشلک *зоол.* навъи шуллук.

**ТӮЛ I** *а.* طول 1. дарозӣ. 2. давомнокӣ; **дар тӯли**… (сол, моҳ), дар давоми…, дар муддати…, **тӯл кашидан** дароз давом кардан, кашол ёфтан. 3. *ҷугр.* масофа аз меридиани муайян, ки ба дараҷа (градус) муайян карда мешавад; **арз ва тӯл**.

**ТӮЛ II** طول давраи наслдиҳии умумии гӯсфандон, ки ба моҳи ҳамал (март-апрел) рост меояд.

**ТӮЛА** *а.* طوله *ниг.* **тавила**.

**ТӮЛГИРӢ** طولگیری давраи баррагирии гӯсфандон.

**ТӮЛӢ** طولی *мансуб ба* тӯл додан.

**ТӮЛОНӢ** طولانی дароз.

**ТӮМОР** طومار *д.* дуои навиштаи дар коғази секунча печонида, ки ба бозу ва гардан баста ё ҷои дигари либос овехта мешавад (*барои дафъи бало ё нохушиҳои дигар*); бозубанд.

**ТӮМОРШАКЛ** طومارشکل ба шакли тӯмор сегӯша.

**ТӮП** توپ олати ҷангии дарозмили **чархдор,** зам-

барак: **тӯпи дурзан**, **тӯпи зиддитанкӣ**.

**ТӮПАНДОЗ** توپانداز андохтани тӯп.

**ТӮПАЛАНГ** توپلنگ ғавғо, ошӯб, дарҳаму барҳамӣ.

**ТӮПЗАНӢ** توپزنی тӯппаронӣ.

**ТӮППАРОНӢ** توپپرانی паррондани тӯп.

**ТӮППИДӮЗ** توپیدوز он ки каллапӯш медӯзад, кулоҳдӯз

**ТӮППӢ** توپّی *гуфт.* кулоҳ, каллапӯш.

**ТӮПСАЛОМ** توپسلام маросими идона, мотамӣ ё қабулу гусели меҳмонони фахрӣ бо туппаронии ташрифотӣ.

**ТӮПСОЗӢ** توپسازی сохтани тӯп.

**ТӮПХОНА** توپخانه 1. ҷои нигаҳдории тӯпҳо. 2. он дастаи аскарӣ, ки бо тӯп сару кор дорад.

**ТӮПЧИБОШӢ** توپچی‌باشی *таър.* сардори тӯпҳо (*мансаби ҳарбӣ дар Бухорои амирӣ*).

**ТӮПЧӢ** توپچی он ки ба тӯп сару кор дорад..

**ТӮР** تور 1. бофтаи шабака (сӯрох-сӯрох) аз ресмон ё сими нозук: **тӯри моҳигирӣ**, **тӯр бофтан.**

**ТӮРА** توره *таър.* унвони валиаҳдон – фарзандони амирони Бухоро. 2. *кҳн.* унвони эҳтиромии эшонҳо. 3. *кҳн.* унвони амалдорони ҳукумати подшоҳии рус дар Туркистон. 4. *маҷ.* мансабпараст, калонгир.

**ТӮРАГӢ** توره‌گی *гуфт.* калонгарӣ.

**ТӮРБА** توربه *ниг.* **тӯбра**.

**ТӮРБОФ** تورباف бофандаи тӯр.

**ТӮРБОФӢ** توربافی *мансуб ба* **тӯрбоф**; амали тӯрбоф.

**ТӮРДОР** توردار дорои тӯр.

**ТӮРДӮЗӢ** تردوزی дӯхтани тӯр.

**ТӮРӢ** توری тӯрдор, бо тӯр сохташуда.

**ТӮРКАДУ** توركدو қафаси тагаш аз чӯбкаду сохташуда (*барои бедона*).

**ТӮРСАБАД** تورسبد сабади тӯрӣ.

**ТӮРУҚ** تورق : **аспи тӯруқ** аспи сурхранг.

**ТӮРХАЛТА** تورخلته халтачаи тӯрин.

**ТӮРШАКЛ** تورشکل шаклан тӯрмонанд.

**ТӮС** توس навъи сафедор.

**ТӮСЗОР** توسزار ҷое, ки тӯс бисёр дорад, дашти тӯс.

**ТӮСӢ** طوسی номи матоест, ки дар шаҳри Тӯс бофта мешавад; матои сурх ё ҷигарӣ.

**ТӮТИБАЁН** طوطی‌بیان *маҷ.* ширинсухан, хушзабон.

**ТӮТИБУРУТ** طوطی‌بروت марди мӯйлабҳояш ба боло тофташуда.

**ТӮТИВОР** طوطی‌وار чун тӯтӣ; **тӯтивор такрор кардан** омӯхтаи худро чун тӯтӣ такрор кардан.

**ТӮТИЁ** توتیا 1. санги сурма, ки соида ба чашм мекашанд. 2. *маҷ.* чизи камёб.

**ТӮТӢ** طوطی парандаи сабзранги минқоркаҷ, ки гуфтори одамиёнро тақлид мекунад.

**ТӮФАЛАНГ** توفلنگ *ниг.* **тӯпаланг**.

**ТӮФИДАН** توفیدن *кит.* ларзидан, ҷунбидан.

**ТӮФОН** طوفان боди сахт, тундбод; бӯрон, обхез, гирдоб: **тӯфони Нӯҳ**.

**ТӮХТАН** توختن *кит.* 1. ҳосил кардан, ба даст овардан, пайдо кардан. 2. пардохтан, қарзро адо кардан.

**ТӮҲМАТ** *а.* تهمت ба касе нисбат додани коре, ҷинояте, ки вай накардааст; бӯҳтон; **тӯҳмат задан (кардан)** ба касе бӯҳтон кардан, бо гумони бад касеро айбдор кардан; **ба таги тӯҳмат мондан** бо гумони бад ё ноҳақ муттаҳам шудан.

**ТӮҲМАТАНГЕЗ** تهمت‌انگیز бӯҳтонангез.

**ТӮҲМАТБОР** تهمت‌بار дорои бӯҳтон.

**ТӮҲМАТБОФӢ** تهمت‌بافی айбдор кардани бардуруғ.

**ТӮҲМАТГАР** تهمت‌گر бӯҳтонгар.

**ТӮҲМАТГАРОНА** تهمت‌گرانه ба таври айбҷӯёна.

**ТӮҲМАТЗАДА** تهمت‌زده бо тӯҳмат ё ноҳаққона гунаҳкор шуда.

**ТӮҲМАТӢ** تهمتی тӯҳматгар, бӯҳтонкор.

**ТӮҲМАТОЛУД** تهمت‌آلود ба тӯҳмат олуда, бадном, айбдор, беасос гунаҳгор шуда.

**ТӮҲМАТОЛУДА** تهمت‌آلوده *ниг.* **тӯҳматолуд**.

**ТӮҲМАТОМЕЗ** تهمت‌آمیز айбҷӯёна.

**ТӮҲМАТЧӢ** تهمتچی *гуфт.* тӯҳматкунанда, тӯҳматгар.

**ТӮҲФА** تحفه ҳадя, бахшиш; раҳовард, савғот.

**ТӮШ** توش *гуфт.* 1. сина. 2. қувват; **тану тӯш** қуввату иқтидор.

**ТӮША** توشه зоди сафар, хӯрокие, ки дар сафар бо худ гиранд; захираи сафар: **тӯшаи роҳ**.

**ТӮШАК** توشک кӯрпачае, ки одатан ба зери ҷои хоб партоянд.

**ТӮШДОР** توشدار *гуфт.* 1. фарохсина (одам). 2. боқувват.

**ТӮЪМА** *а.* طعمه хӯрданӣ, таом; хӯрок, луқма; **тӯъмаи оташ шудан** сӯхта нобуд шудан.

**ТӮЪМАХОР** طعمه‌خوار хӯрандаи хӯрок, хӯрокхӯр, насибахӯр.

**ТЮЛЕН** تیولن саги дарёӣ.

# У

**У** *ҳарфи бисту чоруми алифбои тоҷикӣ; ҳарфи* **у** *дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ дар аввали калимаҳо ба воситаи ҳарфҳои* алиф (ا), айни пешдор (ع), алифу вов (او) ва айну вов (عو), *дар байн ва дар охири калима бо ҳарфи* вов (و) *навишта мешавад, мас.*, **умед - امید**, **умр - عمر**, **уфтодан - اوفتادن** , **ур - عور**, **нур - نور**, **дору - دارو**.

**- У** و *шакли дигари* **ва**: **китобу дафтар**, **ману ту**, **обу ҳаво**.

**УБАЙД** *а.* عبید *кит., шакли тасгири* **абд**; ғуломи хурд.

**УБАР(А)** ابر(ه) *ниг.* **ҳубара**.

**УББАҲАТ** *а.* ابهت *кит.* бузургӣ, шукӯҳ, шавкат, азамат.

**УББОД** *а.* عباد *ҷ.* **обид**.

**УБНА** *а.* ابنه *кит.* як навъ бемории хориш, ки дар мақъад пайдо мешавад.

**УБОБ** *а.* عباب *кит.* сели калон; селоб; борони сел.

**УБОЛ** *а.* اوبال *гуфт.* [*аслаш* **вабол**] 1. гуноҳ: **савобу убол**. 2. бечора; хору зоргашта: **бачаҳои уболу берузӣ**; **уболи** *касе* ҳайфи касе; вой бар ҳоли касе; **уболи** *касе ё чизе* **гирифтан** гирифтори гуноҳу азоб шудан (*дар натиҷаи рафтори бади худ нисбат ба касе ё чизе*).

**УБОЛАК** اوبالک *гуфт., шакли тасгир ва навозиши* **убол**; ◊ **мусичаи уболак** а) шахси бегуноҳ, безарар; б) одами бечора, хору зоргашта; *муқ.* **мусичаи бегуноҳ**.

**УБРА** ابره *кит.* он чи бӯи бад дорад, бадбӯй.

**УБУВВАТ** *а.* ابوت *кит.* падарӣ: **шафқати убувват**.

**УБУДИ(Й)ЯТ** *а.* عبودیت *кит.* бандагӣ; **тоату ибодат**; хидматгузорӣ.

**УБУР** *а.* عبور гузаштан, тай кардан, гузаштан аз об (ҷӯй, дарё *ва г.*); гузариш: **вақти убур**, **ҷои убур**; **убур кардан** гузаштан оберо; паймудан роҳеро; ◊ **убуру мурур** рафту омад.

**УБУРГОҲ** عبورگاه ҷои гузаштан, гузаргоҳ.

**УБУРНОПАЗИР** عبورناپذیر ҷое, ки аз он имкони убур вуҷуд надорад.

**УБУС** *а.* عبوس *кит.* туршрӯй, чини абрӯ.

**УБУСАТ** *а.* عبوست *кит.* туршрӯӣ кардан, абрӯ чин намудан.

**УБУҲҲАТ** ابهّت *ниг.* **уббаҳат**.

**УВАЙС** *а.* اویس *кит.* гург.

**УВВОС** اوّاس *ниг.* **уллос**.

**УВОЛ** اوال *гуфт., ниг.* **убол**.

**УГРО** اگرا навъе аз ош, ки хамирро тунук карда, дароз-дароз чун тор бурида мепазанд: **оши угро, угро буридан**.

**УҒЛУТА** *а.* اغلوطه *кит.* сухани шубҳаноки ба ғалат андозанда; сухани ғалат.

**УҒНИЯ** *а.* اغنیه *кит.* 1. нағма, замзама, тағаннӣ. 2. сози ғайринафасӣ (*аз қабили* чанг, рубоб).

**УҒУР** اوغر зарфест чӯбӣ ё филизӣ барои кӯфтану орд кардани гандум, намак, суманак *ва г.*, ҳован.

**УҒУРАК** اوغرک уғури хурд.

**УҒУРДАСТА** اوغردسته дастаи уғур, ки бо он чизи дар уғур бударо кӯфта майда мекунанд.

**УҒУРЧА** اوغرچه *ниг.* **уғурак**.

**УД I** *а.* عود дарахтест, ки чӯби сиёҳранг дорад ва

дар вақти сӯзондан бӯи хуш медиҳад.

**УД** II *а.* عود *мус.* навъи асбоби торӣ, ки косахонаи мурудшакли калон ва дастаи начандон дароз дорад.

**УДАБО** ادبا *ҷ.* **адиб**.

**УДАЙЧӢ** ادیچی *таър.* яке аз мансабдорони олирутбаи дарбори аморати Бухоро, ки ба тартибу иҷрои маросимҳои ташрифот, қабул, зиёфат *ва г.* роҳбарӣ ва назорат мекард.

**УДБЕЗ** عودبیز *кит.* боде, ки бӯи хуши сӯзондаро ба машом мерасонад

**УДВОН** *а.* عدوان *кит.* 1. адоват, душманӣ. 2. зулм, ҷабр.

**УДДӢ** *а.* عدی *кит.* душман, адӯ, хасм.

**УДӢ** عودی 1. *мансуб ба* **уд**; аз чӯби уд сохташуда. 2. шабеҳ ба ранги уд; ранги сиёҳи моил ба ранги уд.

**УДМУРТ** ادمورت номи халқест, ки аҳолии асосии Удмуртистонро (дар ҳайати Русия) ташкил медиҳад.

**УДМУРТӢ** ادمورتی *мансуб ба* **удмурт**: **забони удмуртӣ**.

**УДНАВОЗ** عودنواز он ки уд менавозад, мутриби навозандаи уд.

**УДНАВОЗӢ** عودنوازی навохтани уд; ҳунари уднавоз.

**УДСӮЗ** عودسوز 1. сӯзонандаи уд. 2. бухурдон, миҷмар, манқалдони махсуси удсӯзӣ.

**УДУЛ** *а.* عدول *кит.* 1. аз ҳадди муайян гузаштан, таҷовуз намудан аз доираи муайян. 2. *маҷ.* реҳлат кардан; вафот кардан. 3. беитоатӣ, саркашӣ; гардантобӣ намудан.

**УЗАМО** *а.* عظما//عظمی *кит.* 1. *ҷ.* **азим**. 2. одамони бузург, бузургон.

**УЗАНГУ** ازنگو ҳалқаи филизӣ, ки бо тасма аз ду тарафи зин овезон аст ва савора пояшро дар он мегузорад, рикоб; **аз асп фуроянд ҳам, аз узангу намефуроянд** (*мақ.*) аз мансабе рафта бошад ҳам, калонигариро тарк намекунад; мартабааш поён шуда бошад ҳам, мисли пештара гирумон дорад.

**УЗБАК** ازبک *ниг.* **ӯзбак**.

**УЗБАКӢ** ازبکی *ниг.* **ӯзбакӣ**.

**УЗВ** عضو 1. як қисми бадан (*аз қабили* даст, пой, китф, сар): **узви шунавоӣ**. 2. он ки ба ҳайати ягон созмон, иттиҳодия *ва г.* дохил аст ё пазируфта шудааст; **узви Иттифоқи нависандагон, узви оила, узви ҷомеа, узви вобастаи Академияи илмҳо, узви пайвастаи Академияи илмҳо**.

**УЗВАН** *а.* عضواً табиатан; бевосита; **узван пайваста будан бо** *чизе*.

**УЗВИЯТ** عضویت аъзогӣ, узв шудан, дохил шудан ба ҳайати ягон ташкилот ё иттиҳодия, узв шудан, аъзогӣ.

**УЗЕЛ** اوزیل *баҳр.* андозаи суръати ҳаракати киштӣ, ки ба адади милҳои баҳрии дар як соат тайкардаи он баробар мебошад.

**УЗЛАТ** عزلت *кит.* гӯшанишинӣ; танҳоиҷӯӣ; хилват: **кунҷи узлат ихтиёр кардан**.

**УЗЛАТНИШИН** عزلت‌نشین *кит.* гӯшанишин, хилватнишин.

**УЗЛАТНИШИНӢ** عزلت‌نشینی *кит.* гӯшанишинӣ, хилватгузинӣ.

**УЗМО** عظمی *кит. муаннаси* **аъзам**: **саодати узмо** саодати бузург, хушбахтии калон.

**УЗН** *а.* اذن *кит.* гӯш.

**УЗОДА//ИЗОДА** عضاده *кит.* паҳлударӣ; бозуи дар.

**УЗОР** *а.* عذار [*аслаш* **изор**] рухсора, ораз.

**УЗОТ** ازات :**узот кардан (намудан)** *гуфт.*, *маҷ.* пеш кардан, гусел кардан, гуселонидан; равон кардан.

**УЗР** *а.* عذر 1. сабаб ва далеле, ки пас аз рафтори нодурусте ё барои афви гуноҳе оварда мешавад; бахшоиш пурсидан, маъзарат, пӯзиш; **узри тақсир** узрхоҳӣ барои гузаштан аз гуноҳ, маъзарат пурсидан; **узр овардан** сабаб ва делел нишон додан барои сафед кардани худ аз гуноҳ; маъзарат хостан; **узр хостан (пурсидан, гуфтан)** афви гуноҳ талабидан, маъзарат хостан, бахшоиш пурсидан (*барои ягон амали ношоистаи худ*); **узри** *касеро* **қабул кардан (писандидан)** сабаб ва далели нишондодаи касеро асоснок ҳисоб кардан, пазируфтан; **узри** *касеро* **рад кардан** сабаб ва

баҳонаи касеро барои иҷро накардани коре беасос донистан. 2. баҳона, сабаби беасос барои сафед кардани худ: **дили нохоҳам, узри бисёр** (*мақ.*); **узри бадтар аз гуноҳ** (*мақ.*) узре, ки гуноҳро сабук накарда, боз вазнинтар мекунад, узре, ки овардани он нисбат ба гуноҳи содиршуда гуноҳи калонтар ҳисоб мегардад.

**УЗРГӮӢ** عذرگوئی *исми амал аз* **узр гуфтан**.

**УЗРНОК** عذرناک қобили бахшиш, бахшидашаванда; **ғоибӣ бо сабаби узрнок** ғоибии сабаби асоснокдошта, бо узри муваҷҷаҳ ғоиб будан (*мас., дар дарсҳо*).

**УЗРНОПАЗИР** عذرناپذیر ғайри қобили бахшиш, бахшиданашаванда, афвнопазир.

**УЗРОВАР** عذرآور узргӯй, маъзаратпурс.

**УЗРОВАРӢ** عذرآوری узргӯӣ, маъзарат–пурсӣ.

**УЗРОМЕЗ** عذرآمیز *ниг.* **узрхоҳона**.

**УЗРОМЕЗОНА** عذرآمیزانه *ниг.* **узрхоҳона**.

**УЗРПАЗИР** عذرپذیر *ниг.* **узрнок**.

**УЗРПУРСӢ** عذرپرسی *ниг.* **узрхоҳӣ**.

**УЗРСОЗ** عذرساز *кит.* баҳонаҷӯй.

**УЗРХОҲ** عذرخواه бахшоишпурсанда, маъзаратхоҳ, афвпурсанда.

**УЗРХОҲӢ** عذرخواهی *исми амал аз* **узр хостан**; маъзарат пурсидан, афв талабидан, **бо оҳанги узрхоҳӣ, узрхоҳӣ кардан, ба узрхоҳӣ даромадан**.

**УЗРХОҲОНА** عذرخواهانه аз рӯи узрхоҳӣ, узрхоҳӣ карда; бахшишхоҳона, маъзаратпурсона; бахшоишталабона: **узрхоҳона нигоҳ кардан**, **узрхоҳона ҷавоб додан**, **бо оҳанги узрхоҳона гуфтан**, **табассуми узрхоҳона кардан**.

**УЗРҶӮЁНА** عذرجویانه *ниг.* **узрхоҳона**.

**УЗУБАТ** *а.* عذوبت *кит.* 1. гуворой(-и об, шароб *ва г.*), ширин будан. 2. матбуӣ ва хушояндӣ (-и сухан).

**УЙҒУР** اویغر 1. номи халқе, ки аҳолии вилоятҳои мухтори Синзян ва Уйғури Ҷумҳурии Халқии Хитойро ташкил медиҳад. 2. нафаре аз халқи уйғур.

**УЙҒУРӢ** اویغری *мансуб ба* **уйғур**: **забон уйғурӣ**, **рақси уйғурӣ**.

**УКА//УКО** اکه//اکا *гуфт.* 1. бародари хурдӣ; додар. 2. калимаи муроҷиат аст, ки калонсолон ва ҷавонон ва мардон мегӯянд.

**УКРАИН** اکرئین 1. номи халқе аз халқҳои славянӣ, ки аҳолии асосии Украинаро ташкил медиҳад. 2. нафаре аз халқи украин.

**УКРАИНӢ** اکرئینی *мансуб ба* **украин**: **забони украинӣ**, **либоси украинӣ**.

**УҚАД** *а.* عقد *кит., ҷ.* **уқда**.

**УҚАЛО** *а.* عقلا *кит., ҷ.* **оқил**.

**УҚБО** *а.* عقبی *кит., д.* охират, он дунё.

**УҚДА** *а.* عقده *кит.* 1. гиреҳ, банд. 2. *маҷ.* Душворӣ, мушкилот; **уқда кушодан** а) гиреҳ кушодан, банд кушодан; б) *маҷ.* монеаҳоро дур кардан, мушкилиро бартараф карда, корҳои душворро осон кардан.

**УҚДАКУШО** عقده‌کشا 1. гиреҳкушо. 2. *маҷ.* мушкилкушо, осонкунандаи корҳои мушкил; кордон ва чорасоз.

**УҚЁНУС** *ю.* اقیانوس сатҳи яклухти оби Замин, ки қитъаву ҷазираҳоро иҳота кардааст, баҳри муҳит, океан: **уқёнуси Ором**, **уқёнуси Атлантик**, **уқёнуси Ҳинд**, **уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ**; ◊ **он сӯи уқёнус** *киноя аз* Амрико.

**УҚЁНУСГАРД** اقیانوس‌گرد киштии калон, ки дар уқёнус шино мекунад: **киштии уқёнусгард**.

**УҚЁНУСӢ** اقیانوسی *мансуб ба* **уқёнус: ҷонварони уқёнусӣ**.

**УҚЁНУСНАВАРД** اقیانوس‌نورد 1. *ниг.* уқёнусгард. 2. муҳаққиқи қаъри уқёнус.

**УҚЁНУСПАЙМО** اقیانوس‌پیما *ниг.* **уқёнусгард**: **киштии уқёнуспаймо** киштии бузурги дар уқёнусҳо шинокунанда.

**УҚЁНУСШИНОС** اقیانوس олими илмҳои уқёнуснигорӣ ва уқёнусшиносӣ (океанография ва океанология).

**УҚЁНУСШИНОСӢ** اقیانوس‌شناسی 1. як соҳаи фани ҷуғрофияи табиӣ, ки ба омӯхтани хусусияти физикӣ ва қонунияти химиявии муҳити обии уқёнусҳо дар алоқамандӣ бо ҳаво, хушкӣ *ва г.* машғул аст, океанография. 2. маҷмӯи илмҳое, ки ҷараёнҳои физикӣ,

химиявӣ, геологӣ ва биологии уқёнусҳоро меомӯзад, океонология.

**УҚНУМ** *ю.* اقنوم *д.* 1. асл, зот. 2. дар ақидаи насрониён яке аз се намуди асосии тазоҳури Худованд, ки падар, писар, рӯҳулқудс (рӯҳи муқаддас) аст; **се уқнум** асли ҳар чиз (*дар тасаввури аҳли насоро*).

**УҚОБ** *а.* عقاب *зоол.* парандаи чанголдори минқорсахти бузургҷусса ва баландпарвоз, ки бо шикори ҷонварҳои хурд рӯз мегузаронад, бургут: **уқоби кӯҳӣ, ошёни уқоб**; ◊ **уқоби фӯлодин** ҳавопаймо.

**УҚОББИНӢ** عقاببینی дорои бинии ба минқори уқоб монанд: **марди уқоббинӣ**.

**УҚОБВОР** عقابوار мисли уқоб, ба монанди уқоб; **уқобвор пахш кардани сайд** монанди уқоб боҷуръат ва якбора ба зер гирифтани сайд.

**УҚОБӢ** عقابی *мансуб ба* **уқоб**: **бинии уқобӣ** биние, ки қисми болоияш ба минқори уқоб монанд аст; ◊ **уқобӣ шудан** *киноя аз* талабгор шудан; муштоқ шудан.

**УҚОБМОНАНД** عقاب مانند *ниг.* **уқобвор**.

**УҚОБОНА** عقابانه 1. *мансуб ба* **уқоб**; **нигоҳи уқобона** нигоҳи тез ва дурбинонаи ба уқоб хос. 2. мисли уқоб, уқобвор.

**УҚУБАТ** *а.* عقوبت 1. азоб, машаққат; ранҷ, кулфат: **уқубат кашидан (дидан)**. 2. *кит.* ҷазои ягон кори бад ё гуноҳ; **уқубат кардан** ҷазо додан барои кори бад ё гуноҳе.

**УҚУБАТДИҲАНДА** عقوبتدهنده азобдиҳанда, озордиҳанда; ситамгар.

**УҚУҚ** *а.* عقوق *кит.* нофармонӣ кардан, итоат накардан (*ба падару модар*).

**УҚУЛ** *а.* عقول *ҷ.* **ақл**.

**УЛАВ//УЛОВ** الو//الاو чорпои саворӣ ва боркаш (*махсусан хар ва асп*), маркаб, сутур.

**УЛАВДОР** الودار он ки ҳайвони саворӣ дорад, соҳибулав.

**УЛАМО** *а.* علما 1. *ҷ.* **олим**. 2. *д.* олимони соҳаи дини ислом; табақаи олии рӯҳониёни ислом.

**УЛВИНАЖОД** علوینژاد *кит.* баландпоя, олимартаба.

**УЛВИЯТ** *а.* علویت *кит.* бартарӣ, баланд.

**УЛВӢ** علوی *кит.* 1. боло, баланд; болоӣ, фавқонӣ. 2. он чи дар осмон аст, осмонӣ; *муқоб.* **сифлӣ**; **олами улвӣ** олами боло.

**УЛЁ** *а.* علیا *муаннаси* **аъло**.

**УЛЁҲАЗРАТ** *а.* علیاحضرت *муаннаси* **аълоҳазрат**; унвони малика ва зани шоҳ.

**УЛОҒ** *т.* الاغ улав, маркаб, сутур.

**УЛОҚ** *т.* الاق 1. *ниг.* улоғ; бузе, ки кӯбкорӣ мекунанд, куштаи танаи буз ё гӯсолаи дар бузкашӣ кашидашаванда. 2. *гуфт.* бузкашӣ, кӯбкорӣ; **улоқ додан** бузкашӣ барпо кардан.

**УЛЛОС** الاس *калимаи тақлиди овоз* 1. бонгу нулаи саг, шағол, гург *ва ғ.*: **уллос задан, уллос кашидан**. 2. садои вазидани боди сахт, ғурриш.

**УЛЛОСЗАНАНДА** الاسزننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **уллос задан**. 2. он чи уллос мезанад.

**УЛЛОСЗАНӢ** الاسزنی *исми амал аз* **уллос задан**; уллос кашидан.

**УЛЛОСӢ** الاسی 1. ҷонваре, ки бисёр уллос мекашад. 2. *маҷ.* шахси баландгирянда.

**УЛЛОСКАШАНДА** الاسکشنده *ниг.* **уллосзананда**.

**УЛЛОСКАШӢ** الاسکشی *ниг.* **уллосзанӣ**.

**УЛТИМАТУМ** التمتم *лот.* талаботи қатъии давлате ба давлати дигар, ки дар сурати иҷро нашудани ин талабот бо қатъ кардани муносибатҳои дипломатӣ ва истифодаи қувва (эълони ҷанг *ва ғ.*) таҳдид мекунад, итмоми ҳуҷҷат.

**УЛТРА** *лот.* اولتره *ҷузъи аввали калимаҳои мураккаб, ки маънои* аз ҳад зиёд зоҳир шудани чизеро *ифода мекунад*: **ултрабунафш, ултрасадо** *ва ғ.*

**УЛТРАБУНАФШ** اولترهبنفش :**шуоъҳои ултрабунафш** *физ.* шуоъҳои мавҷашон кӯтоҳи диданашаванда, ки дар спектр (тайфнигорӣ) баъд аз нурҳои бунафш ҷой мегиранд.

**УЛТРАОВОЗ** اولترهآواز *ниг.* **ултрасадо**.

**УЛТРАСАДО** اولترهصدا *физ.* садое, ки гӯши инсон онро намешунавад ва асбобҳои махсус

лаппишҳои ниҳоят тези онро нишон медиҳад.

**УЛУ** *а.* اولو *кит.* **соҳиб**.

**УЛУВ(В)** *а.* علو *кит.* баландӣ, бартарӣ; бузургии қадр; **улувви ҳиммат** ҳимматбаландӣ.

**УЛУҒ** *т.* الغ *кит.* калон, бузург, кабир.

**УЛУЛАМР** *а.* اولوالامر *кит.* соҳиби ҳукму фармон, амир.

**УЛУЛХАМР** *а.* اولوالخمر *кит.* шаробхӯр, майхора.

**УЛУМ** *а.* علوم *ҷ.* **илм**: **улуми шеър, таърихи улум, таҳсили улум**; **талабаи улум** *кҳн.* толибилм (*дар мадраса*)

**УЛУС** *м-т.* الوس *таър.* қабила, қавм ва сарзамини он: **соҳиби элу улус**.

**УЛУФ** *а.* الوف *ҷ.* **алф** (ҳазорҳо, ҳазорон).

**УЛУФА** *а.* علوفه 1. хӯроки ҳайвонот, ему хошок. 2. *кит.* хӯрокворӣ, ғизо.

**УЛФАТ** *а.* الفت 1. хӯ гирифтан, унс пайдо кардан бо касе; дӯстӣ, ошноӣ. 2. ҳамнишин, ҳамсӯҳбат, ҳамқадаҳ: **улфат шудан бо касе**; ◊ **улфат шудан** *бо чизе* одат кардан ба *чизе*, мубтало шудан.

**УЛФАТӢ** الفتی 1. дӯстӣ, ошноӣ; ҳамқадаҳ будан: **улфатӣ доштан** *бо касе*. 2. зуд улфатшаванда, хушмуошират, ба одам часпон: **одами улфатӣ**, **ҷавони улфатӣ**.

**УЛФАТПАЗИР** الفتپذیر унсгиранда, улфатшаванда; одамдӯст, ба одам часпон.

**УЛҶА** *т-м.* الجه *ниг.* **ӯлҷа**.

**УМ(М)** *а.* ام *кит.* **модар**.

**УМАМ** *а.* امم *кит., ҷ.* **уммат**.

**УМАРО** *а.* امرا *кҳн., ҷ.* **амир**; **умарои лашкар** фармондеҳони лашкар.

**УМДА** *а.* عمده *кит.* 1. муҳим; асосӣ: **масъалаи умда, вазифаи умда**. 2. аксар, бештар: **қисми умда**.

**УМДАФУРӮШ** عمده فروش фурӯшандаи яклухти молу чиз, кӯтафурӯш.

**УМДАФУРӮШӢ** عمدهفروشی фурӯши яклухт, кӯтафурӯшӣ.

**УМЕД** امید 1. чашмдошт, интизор, таваққӯъ, омол. 2. эътимод, боварӣ; **ба (бо) умеди** … а) бо орзуи…, бо таваққуи…; б) бо нияти…, бо мақсади…; **бо биму умед//бо тарсу умед** дар ҳолате ки аз як тараф, тарсу хавф таҳдид кунад ва аз тарафи дигар, умеди беҳбудӣ дида шавад, гуфта мешавад; **умед бастан** *ба касе, ё чизе* а) чашм доштан, орзу кардан; б) эътимод кардан, бовар кардан (*хусусан ба мадади касе*); **умед бахшидан** умедвор кардан; **умед кардан** *аз касе ё чизе маҷ.* чашм доштан; орзу кардан; дар интизори коре будан аз касе ё чизе; **умеди худро кандан** *аз касе ё чизе* ноумед шудан аз касе ё чизе (*хусусан аз сиҳат шудани бемор*); **ба умеди касе шудан** умедвори ёрӣ ё дастгирии касе шудан; ба мадади касе нигарон шудан; ба касе бовар карда, фаъолияти худро суст кардан бо умеди ёрӣ ё дастгирии касе; ◊ **умед аст, ки**… а) чашм доштан мумкин аст, ки…; б) бовар кардан мумкин аст, ки…; **умед доштан** а) чашм доштан, интизор будан; орзу доштан; б) боварӣ (эътимод) доштан; **(ҳеҷ) умед надоштам, ки** … (ҳеҷ) интизор набудам, ки…, (ҳеҷ) умедвор набудам, ки…; умеде дар дил бедор кардан; **ба умеди оши ҳамсоя турб натарош** (*мақ.*) ба ёрию мадади касе умедвор нашуда аз пайи корат шав, **дунё ба умед (аст)** то вақте ки инсон зинда аст, дар интизори некӣ аст.

**УМЕДБАХШ** امیدبخش 1. он ки ё он чи аз он умеди неке ҳаст; **ҷавони умедбахш** ҷавони истеъдодноке, ки аз ӯ дар ягон соҳаи илму ҳунар комёбиеро чашм доштан мумкин аст; **паҳлавони умедбахш** паҳлавони нав, ки аз ӯ ғалабаҳои ояндаро умедвор шудан мумкин аст.

**УМЕДВОР** امیدوار 1. чашмдоранда, интизорикашанда, нигарон; орзукунанда, орзуманд. 2. *гуфт.*, *маҷ.* ҳомила; **умедвор будан**: чашм доштан; орзу доштан; интизор будан; **умедвор кардан** умед додан; ваъда дода интизор кардан касеро…; **умедвор шудан** интизор (нигарон) шудан, чашм доштан.

**УМЕДВОРКУНАНДА** امیدوارکننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **умедвор кардан**; *ниг.* **умедбахш**.

**УМЕДВОРОНА** امیدوارانه бо умеду орзу; орзумандона: **як нигоҳи умедворона кардан**.

**УМЕДВОРӢ** امیدواری 1. умедвор будан, умед доштан, орзумандӣ; *муқоб.* **навмедӣ**; **ҷои умедворӣ** ҷои ба орзу расидан; манбаи мададу ёрмандӣ. 2. *маҷ.* ҳомилагӣ, дуҷонӣ.

**УМЕДГОҲ** امیدگاه ҷои расидан ба орзуҳо, умедхона, кӯи умед, хонаи умед.

**УМЕДКАДА** امیدکده *ниг.* **умедгоҳ**.

**УМЕДХОНА** امید خانه *ниг.* **умедгоҳ**.

**УМҚ** *а.* عمق *кит.* жарфӣ, жарфо, чуқурӣ: **умқи дарё**.

**УМҚСАНҶ** عمقسنج жарфандеш, баланднигоҳ, дурбин.

**УММАТ** *а.* امت *кит.* 1. мардум, ҷамоат, гурӯҳи одамон. як миллат ва як дин; **уммати марҳума**. 2. пайрави ислом ва мусулмонон.

**УММАҲАТ** *а.* امهت *кит., ниг.* **ум(м)**.

**УММАҲОТ** *а.* امهات *кит., ҷ.* **ум(м)**, **уммаҳат**; ◊ **уммаҳоти арбаа** *ниг.* **чаҳор унсур**.

**УММЕД** امید *шакли дигари* **умед**, ки бештар хоси забони назм аст.

**УММЕДВОР** امید وار *ниг.* **умедвор**.

**УММӢ** *а.* امی 1. *мансуб ба* **ум**; модарӣ. 2. он ки дар тарбияи модар мондааст. 3. нохонда, бесавод; он ки соҳиби илму дониши худодод аст, соҳиби илми ладуннӣ.

**УММОЛ** عمال *ҷ.* **омил** (амалкунандагон, коркунон...).

**УММУЛАМРОЗ** *а.* ام الامراض *киноя аз* асос ва сабаби бемориҳо.

**УММУЛКИТОБ** *а.* ام الكتاب *кит.* 1. китоби муҳим ва асосӣ; китоби китобҳо. 2. Қуръон. 3. матлабҳои асосӣ ва муҳими як китоб, ҷавҳари китоб.

**УММУЛҚУРОЪ** *а.* ام القراء *кит.* 1. модари шаҳрҳо, шаҳри шаҳрҳо. 2. *маҷ.* Макка.

**УММУЛХАБОИС** *а.* امالخبایث падари палидиҳо, *киноя аз* **шароб**.

**УММУЛХАЛОИҚ** *а.* ام الخلائق *кит.* 1. *д.* модари мардумон. 2. лақаби Ҳавво, ки мувофиқи ривояти китобҳои динӣ аввалин зане дар рӯи олам будааст.

**УММУЛҲАВОДИС** *а.* ام الحوادث *кит.* 1. модари ҳодисаҳо; сарчашмаи ҳаводис (-и олам); *маҷ.* ронда шудани Одам (а) аз биҳишт. 2. *киноя аз* олам, ҷаҳон.

**УМНИЯ** *а.* امنیه *кит.* мақсад, матлаб, орзу.

**УМОЧ** اماچ *ниг.* **ӯмоч**.

**УМР** *а.* عمر 1. муддати зиндагӣ ва дар ҳаёт будан (-и инсон, ҳайвон ва ашёи дигар); ҳаёт, зиндагӣ; даври мавҷудият: **умри дароз** (*дидани касе ё талабидан ба касе*): **дар умраш, дар охири умр**, **то охири умр, умраш кӯтоҳ будааст**. 2. умрҳо, муддатҳо, замони зиёде; **умри ҷавонӣ** овони ҷавонӣ, айёми ҷавонӣ; **умри ҷовид (абад)** ҳаёти дарози беинтиҳо, зиндагии ҳамешагӣ, ҳаёти абадӣ; **тамоми умр** ҳамаи муддати зиндагӣ, ҳамеша, доим; **умр дидан** дар ҳаёт будан, зиндагӣ кардан, умр ба сар бурдан; **умри дароз дидан** дер зистан, дарозумр будан; умр ба сар бурдан; **умри** *касе* **гузаштан дар ҷое ё бо коре** а) тамоми муддати зиндагии касе дар ҷое ба охир расидан, тамоми умри касе алоқаманд будан бо ҷое: **умри мо дар саҳро гузашт**; б) сарфи коре шудани ҳаёти касе; **умр ба охир расидан** *маҷ.* тамом шудани умри касе; пиру нотавон шудан; **умри дубора** *киноя аз* пас аз бемории вазнин дубора сиҳат ёфтан; наҷот ёфтан аз ягон гирифтории вазнин ё шикасту мушкили саъб; **савдои умр** *киноя аз* хонадор шудан, интихоби зан ё шавҳар; **як умр** а) тамоми умр; б) *киноя аз* асло, ҳаргиз; *бо касе* **умр гузаронидан** бо касе ҳамроҳ зистан; бо касе ҳамхона шуда ҳаёт ба сар бурдан; **умр ба сар бурдан** зистан, зиндагӣ кардан; **риштаи умри касеро буридан (баркандан)** куштан, қатл кардан; **умр боқӣ бошад**... агар зинда бошем; **умр вафо кунад**... агар зинда монем..., агар дар ҳаёт бошем... **умрашро диҳад// умрашро монад** умри зиёд бинад умраш дароз шавад; (*таъбири хоҳиш ва таҳсин*); **умрашро ба шумо дод** мурд, вафот кард.

**УМРА** *а.* عمره *д.* ҳаҷҷи асғар, як қисми ҳаҷ, ки маросими махсус дорад.

**УМРАФЗОЙ** عمرافزای *кит.* дарозкунандаи умр.

**УМРБОД** عمرباد як умр, тамоми умр, ҳамеша: **умрбод миннатдор будан**.

**УМРБОҚӢ** عمر باقی *лаҳҷ.* навъи харбуза.

**УМРВАР** عمرور соҳиби умр, умрдида, зинда ва

поянда.

**УМРГУЗАРОНӢ** عمرگذرانی зиндагонӣ, ҳаёт, зисту зиндагонӣ; рӯзгузаронӣ.

**УМРДАРОЗӢ** عمردرازی дарозумрӣ, умри зиёд дидан.

**УМРДИДА** عمردیده умри зиёд дида, синну солаш ба ҷое расида; солхӯрда.

**УМРЗОЙ** عمرزای *кит.* умрдиҳанда, дарозкунандаи умр.

**УМРӢ** عمری якумра, умрбод, ба таври доимӣ; **рафиқи умрӣ** а) рафиқи абадӣ, рафиқи доимӣ; б) *маҷ.* ҳамсар, ҳамхона.

**УМРКОҲ** عمرکاه кӯтоҳкунандаи умр; озордиҳандаи ҷон.

**УМРКӮТОҲ** عمرکوتاه *ниг.* **кӯтоҳумр**.

**УМРКӮТОҲӢ** عمرکوتاهی *ниг.* **кӯтоҳумрӣ**.

**УМРОН** *а.* عمران ободонӣ, ободӣ.

**УМРПАЙМОЙ** عمرپیمایی *кит.* умргузаронӣ, рӯзшуморӣ.

**УМРФАРСОЙ** عمرفرسای *кит. киноя аз* нопойдор, бебақо.

**УМРҶӮ** عمرجو *кит.* умрхоҳ, орзукунандаи умри дароз.

**УМУМ** *а.* عموم 1. ҳама, ҷумла, кул(л), тамом: **умуми аҳолӣ**, **умуми иштироккунандагони бозӣ**, **умуми навъи башар**; **дар ҳузури умум** дар пеши назари ҷамъият, дар ҳузури омма; **дар маркази диққати умум истодан** барои ҳама диққатҷалбкунанда будан. 2. *ниг.* **умумӣ**: **забони умум**, **роҳи умум**, **хасми умум**.

**УМУМАН** عموماً 1. ба таври умум; куллиятан, дар аксари мавридҳо, ба эътибори аксарият, асосан; одатан. 2. *гуфт., калимаи туфайлӣ* хулоса, хулосаи калом.

**УМУМИАВРУПОӢ** عمومی‌اوروپائی тамоми Аврупоро фарогиранда; барои ҳамаи кишвару давлатҳои Аврупо ягонабуда.

**УМУМИАРТИШӢ** عمومی‌ارتشی барои артиш умумӣ ва ягона; ба тамоми армия таааллуқдошта.

**УМУМИАСКАРӢ** عمومی‌عسکری ягона барои ҳамаи қисмҳои ҳарбӣ: **ойинномаи умумиаскарӣ**.

**УМУМИБАШАРӢ** عمومی‌بشری барои умуми башарият хос; барои ҷомеаи инсоният ягона ва яксон, умумиинсонӣ: **қонуни умумибашарӣ**.

**УМУМИДАВЛАТӢ** عمومی‌دولتی мутааллиқ ба тамоми давлат; ягона барои миқёси тамоми давлат.

**УМУМИДЕМОКРАТӢ** عمومی‌دیماکرتی ҳамаи қувваҳои демократиро фарогиранда; барои ҳамаи созмонҳои демократӣ ягона ва яксон.

**УМУМИДУНЁӢ** عمومی دنیائی *ниг.* **умумиҷаҳонӣ**.

**УМУМИИНСОНӢ** عمومی‌انسانی *ниг.* **умумибашарӣ**.

**УМУМИИТТИҲОДӢ** عمومی‌اتّحادی ба тамоми иттиҳод тааллуқдошта.

**УМУМИИТТИҲОДИЯВӢ** عمومی‌اتحادیوی *ниг.* **умумииттиҳодӣ**.

**УМУМИМАКТАБӢ** عمومی‌مکتبی тамоми мактабҳоро фарогиранда; ягона барои тамоми мактабҳо.

**УМУМИХАЛҚӢ** عمومی‌خلقی умумӣ ва ягона барои ҳамаи халқ; ба ҳар як фарди халқ тааллуқдошта: **иди умумихалқӣ**; **кори умумихалқӣ** коре, ки ба ҳама тааллуқ дорад, коре, ки бо иштироки тамоми халқ иҷро мешавад; **ҳаракати умумихалқӣ** ҳаракате, ки дар он тамоми халқ иштирок мекунад, ҳаракате, ки тамоми халқро фаро гирифтааст.

**УМУМИҲИЗБӢ** عمومی‌حزبی ба тамоми ҳизбе тааллуқдошта, тамоми ҳизбро фарогиранда, фарогирандаи тамоми ҳизб.

**УМУМИҶАҲОНӢ** عمومی‌جهانی дар тамоми ҷаҳон нуфузу эътибордошта; ба ҳамаи кишварҳои ҷаҳон тааллуқдошта; намояндагони ҳамаи кишварҳои ҷаҳонро дарбаргиранда: **адабиёти умумиҷаҳонӣ**, **бозори умумиҷаҳонӣ**, **сулҳи умумиҷаҳонӣ**.

**УМУМИҶУМҲУРИЯВӢ** عمومی جمهوریوی *ниг.* **умумиҷумҳурӣ**.

**УМУМИҶУМҲУРӢ** عمومی‌جمهوری умумӣ ва ягона барои тамоми ҷумҳурӣ; ба тамоми ҷумҳурӣ алоқадошта; он чи бо иштироки намояндагони ҳамаи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мегузарад.

**УМУМИШАХС** عمومی شخص :**ҷумлаи умумишахс** *грам.* ҷумлаи яктаркибаи бемубтадо, ки иҷрокунандаи амал бо хабари феълӣ ифода ёфта, ба ҳамаи шахсҳо (*гӯянда, шунаванда, гоиб*) як хел муносибат дорад, *мас.,* **аввал бубин ҷои худ, баъд бимон пои худ** (*фолк.*).

**УМУМИШАҲРӢ** عمومی شهری умумӣ ва ягона барои тамоми шаҳр; ба тамоми шаҳр алоқадошта; он чи бо иштироки намояндагони ҳамаи муассисаҳову ташкилотҳои шаҳр мегузарад: **ҳашари умумишаҳрӣ**.

**УМУМИШУДА** عمومی شده ҷамъиятишуда, ба ҷамъият тааллуқдошта; барои истифодаи умум гузошташуда: **қоидаи умумишуда**, **русуми умумишуда**.

**УМУМИЯТ** عمومیت умумӣ будан, ягонагӣ, муштаракӣ; **умумияти манфиатҳои марду зан**.

**УМУМӢ** عمومی ҳамагӣ, тамомӣ, ҳамагонӣ: **амалҳои умумӣ**; **афви умумӣ** аз гуноҳи гунаҳгорони маҳкумшуда гузаштан, қисман ё пурра озод кардани онҳо бо фармони ҳукумат; **кори умумӣ** а) кори ба ҳама тааллуқдошта, кори ба ҳама дахлдор; б) кори ҷамъиятӣ, кор барои манфиати халқ ва ҷамъият; **таълимоти умумӣ** таҳсил ва таълимгирӣ дар ҳаҷми мактаби миёна, ки барои ҳамаи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас ва ҳатмӣ мебошад; **маҷлиси умумӣ** маҷлисе, ки дар он ҳамаи кормандони ягон муассиса бояд иштирок кунанд, ҷаласаи якҷояи ҳамаи созмонҳои ҷамъиятӣ ва маъмурияти муассисае; **хобгоҳи умумӣ** биное, ки дар он коргарони одатан муҷарради як муассиса ё донишҷӯёни ягон муассисаи таълимӣ ва миёнаи махсус зиндагӣ мекунанд; **шӯъбаи умумӣ** шӯъбае дар идораҳои калон, ки мукотиба ва додугирифти ҳуҷҷатҳои расмӣ *ва г.* ба зиммаи он аст; **хулосаи умумӣ баровардан** хулосаи ҷамъбасткунанда баровардан.

**УМУР** *а.* امور 1. *кит. ҷ.* **амр** (корҳо): **вазорати умури хориҷӣ**. 2. *нав.* ягон соҳаи хизматрасонӣ: **умури шуғли аҳолӣ**.

**УНВОН** *а.* عنوان 1. сарнома, сарлавҳа; номи китоб ё ягон қисми он, номи мақола ва ё навиштаҳои дигар: **бо унвони** ..., **дар зери унвони**..., **таҳти унвони** .... 2. навиштаи рӯи лифофа ва дигар чизҳои ба воситаи почта фиристодашаванда, ки ном ва ҷои истиқомати гиранда ва фиристандаро дар бар мегирад, нишонӣ: **унвони мактуб**; ба касе ё ҷое нома ва чизи дигар равон (ирсол) намудан; ба унвони касе чизе фиристодан. 3. номи ба шахсе расман додашудае, ки дараҷаи ихтисоси дар соҳае дошта рутба, дараҷаи мақом ва чигунагии хизматҳои ӯро ифода мекунад: **унвони илмӣ**, **унвони ҳарбӣ**, **унвони фахрӣ**, **унвон гирифтан, унвон додан**, **ба унвоне сазовор шудан**, **соҳиби унвон шудан**.

**УНВОНӢ** عنوانی :**ҷумлаи унвонӣ** *грам.* ҷумлаи содае, ки дар он ашё ё воқеа номбар шуда, вале дар бораи он чизе гуфта намешавад.

**УНИВЕРСАЛӢ** *лот.* انیویرسلی ҳамакора, ҳамаҷиҳата; **дастгоҳи универсалӣ** *тех.* дастгоҳе, ки дар он қисмҳои гуногун ва маснуоти хурду калонро тайёр кардан мумкин аст; умумӣ: **мағозаи универсалӣ** фурӯшгоҳи калони молҳои мухталифи саноатӣ.

**УНИВЕРСИТЕТ** *лот.* انیورسیتیت *ниг.* **донишгоҳ**.

**УНҚ** *а.* عنق *кит.* гардан.

**УНҚУД** *а.* عنقود *кит.* хӯшаи ангур, сари ангур; ангур.

**УННОБ** *а.* عنّاب *кит.* 1. *ниг.* **ҷелон**. 2. *маҷ.* лаби маъшуқа.

**УННОБГУН** عنابگون монанди унноб, сурхранг, сурх.

**УННОБӢ** عنابی 1. *мансуб ба* **унноб**. 2. *маҷ.* сурх.

**УННОБРАНГ** عناب رنگ *ниг.* **уннобгун**.

**УНС** *а.* انس хӯгирӣ; ошноӣ, улфат: **унсу улфат**, **унсу ошноӣ**; **унс гирифтан // унс пайдо кардан** *ба (бо) касе ё чизе* хӯ гирифтан, улфат пайдо кардан, омӯхта шудан, одат кардан ба касе ё чизе.

**УНСГИРӢ** انس گیری *исми амал аз* **унс гирифтан**; улфат гирифтан; омӯхта шудан, одат кардан ба касе ё чизе.

**УНСО** *а.* انثا *кит.* мода; зан.

**УНСУР** *а.* عنصر 1. *кит.* асл, асос, бун. 2. *фалс.* ба ақидаи файласуфҳои Юнони қадим ва Машриқзамин ҳар яке аз чаҳор моддае (яъне хок, об, бод ва оташ), ки асоси дунёро таш-

кил медиҳад; **чор (чаҳор) унсур**. 3. *хим.* моддае, ки дар таркиби ҷисмҳои мураккаб мавҷуд аст ва ба моддаҳои аз худ содатар тақсим намешавад, элемент: **ҷадвали даврии унсурҳои химиявии Менделеев**. 4. *маҷ.* намояндаи гурӯҳи ба ҷамъият мухолиф: **унсури бегона** а) намояндаи гурӯҳи ғайр; б) шахси барои доирае номатлуб.

**УНСУРӢ** عنصری 1. *мансуб ба* **унсур,** моддӣ. 2. номи яке аз шоирони давраи Ғазнавиён (соли вафоташ - 431х//1040м.).

**УНФ** *а.* عنف *кит.* дуруштӣ, дағалӣ; тундӣ, сахтгапӣ; **бо унфу итоб** бо хашму ғазаб; бо тундӣ, ситезакорона.

**УНФӢ** عنفی *кит.* дурушт, дағал.

**УНФУВОН** *а.* عنفوان *кит.* аввали ҳар чиз; **унфувони шубоб** оғози ҷавонӣ; давраи аввали ҷавонӣ.

**УПО** اپا хокаи хӯшбӯи сафедранг, ки одатан занон ба рӯй мемоланд: **упо задан** (**молидан**).

**УР** عور *кӯтоҳшудаи* **урён**.

**УРАН** ارن *хим.* унсури химиявии сафедранг, ки хосияти радиоактивӣ дорад.

**УРАФО** عرفا *ҷ.* **ориф**.

**УРБОН** *а.* عربان *кит.* арабҳои бодиянишин, арабҳои кӯчманчӣ, аъробӣ.

**УРВА** *а.* عروه *кит.* 1. дастгирак; дастаи ҳар чиз (*мас., кӯза, офтоба..*); **урваи вусқо** а) дастгираки маҳкам; б) *маҷ.* эътимодгоҳ, маҳалли эътимод; такягоҳ. 2. ресмони киштӣ.

**УРДАК** *т.* اوردک //اردک *ниг.* **ӯрдак**.

**УРДИБИҲИШТ** اردیبهشت 1. *кит.* моҳи дуюми соли ҳиҷрии шамсӣ (мутобиқи савр), ки ба 21 апрел – 21 май рост меояд. 2. *маҷ.* баҳор.

**УРДИБИҲИШТӢ** اردی بهشتی 1. *кит. мансуб ба* **урдибиҳишт**. 2. баҳорӣ.

**УРДУ//ӮРДУ** I *т-м.* اردو **1.** лашкар, сипоҳ, қӯшун. 2. *ниг.* **урдугоҳ**.

**УРДУ** II اردو номи забони асосии аҳолии Покистон ва як қисми Ҳиндустон.

**УРДУГОҲ** اردوگاه лашкаргоҳ, қароргоҳи лашкар**.**

**УРДУЗАБОН** اردو زبان он ки забони модариаш забони урду аст.

**УРЕБ** اوریب кач, каҷу нораст, мунҳариф, ба боло ё ба поён майлкарда; вуреб; **уреб-уреб** каҷ-каҷ.

**УРЕБЧА** اوریبچه *гуфт.* сарбандаки сегӯшаи занон.

**УРЕБЧАШМ** اوریب چشم *гуфт.* чашмкаҷ; олус.

**УРЁН** عوریان 1. луч, лухт, луччак, бараҳна: **тани урён**, **ханҷари урён**. 2. *маҷ.* нодор, камбағал; **гуруснаю урён**; **дашти урён** дашти бедарахту гиёҳ; **урёну бирён будани ҷое** бедарахту бегиёҳу беоб ва тафсон будани ҷое.

**УРЁНӢ** عوریانی урён будан; бараҳнагӣ, лучӣ.

**УРМУЗД** اردمزد 1. номи форсии сайёраи Муштарӣ. 2. номи рӯзи аввали ҳар моҳи форсӣ. 3. моҳи якуми соли шамсӣ, ки ба 21 март–21 апрел рост меояд.

**УРОҚ//ӮРОҚ** *т.* اوراق *таър.* яке аз унвонҳои фахрӣ, ки аз тарафи дарбори амир ба донишмандон дода мешуд.

**УРОЛОГ** ارالاگ *тиб.* мутахассиси урология; пешобшинос; духтури табобаткунандаи касалиҳои урологӣ.

**УРОЛОГИЯ** ارالاگیه *тиб.* соҳаи илми тиб оид ба бемориҳои узвҳои пешоб ва таносул ва роҳҳои муолиҷаю пешгирии онҳо.

**УРОЛОГӢ** ارالاگی *тиб. мансуб ба* **урология**: **бемориҳои урологӣ**, **ҳуҷраи урологӣ**.

**УРУҒ//УРУҚ** I اروغ //اروق 1. қавм, қабила. 2. хешон, ақрабо.

**УРУҚ** II *а.* عروق 1. *ҷ.* **ирқ** (рагҳо). 2. реша(-и дарахт).

**УРУПО** اروپا *гуфт., ниг.* **Аврупо**.

**УРУС** اروس *гуфт., ниг.* **рус**.

**УРУҶ** *а.* عروج *кит.* болоравӣ; **уруҷ ёфтан** боло рафтан (*бештар дар мансабу мақом*).

**УРФ** *а.* عرف одат, расм, таомул: **урфу одат**, **урфу одати кӯҳна**; **дар урф (урфият) мегӯянд, ки**… одатан мегӯянд, ки…; ба қавли мардум…

**УРФАН** *а.* عرفاً *кит.* аз рӯи таомул, дар урфу расми мардум.

**УРФИЯТ** *а.* عرفیت *ниг.* **урф**.

**УРФӢ** عرفی маъмулӣ, одӣ, муқаррарӣ.

**УРҶУН** *а.* عرجون *кит.* шохи хушкидаи кӯҳна ва солхӯрдаи дарахт.

**УС(С)** *а.* اس *кит.* бунёд, асос, поя, бех.

**УСАРО** *а.* اسرا *кит., ч.* **асир** (асирон, бандиён).

**УСКУНА** اسکونه чизҳои дар замин барпокардашуда (*иморат ва г.*), мулки ғайриманқул, **асбобу ускуна** асбобу анҷом.

**УСҚУФ** *ю.* اسقوف кашиши бузурги исавиён (*яке аз рутбаҳои олии калисои насрониён*).

**УСЛУБ** *а.* اسلوب 1. тарз, тариқ, роҳ, равиш: **услуби ифода**, **услуби кор**, **услуби меъморӣ**, **услуби сохт ва ороиши бино**; **услуби одоб** таомул, муқаррарот. 2. *адш.* сабк, равия ва симои хоси эҷодии шоиру нависандаи ҷудогона ё гурӯҳи шоиру нависандагон, ки дар шакли мазмун ва забони асарҳояшон зоҳир мегардад: **услуби фардии нависанда, услуби адабию бадеӣ, услуби хос, услуби бедилӣ**. 3. *збш.* тарзу равиши баёни сухан, ки вобаста ба чигунагии истифодаи хусусиятҳои забонӣ аз ҳам фарқ мекунад: **услуби илмӣ, услуби бадеӣ**, **услуби бадеӣ**, **услуби публисистӣ**.

**УСЛУБШИНОС** اسلوبشناس олиме, ки бо таҳқиқи услубҳои забонӣ ва тарзи ифодаву воситаҳои бадеии асарҳои адабӣ машғул мегардад.

**УСЛУБШИНОСӢ** اسلوب شناسی *адш.* илме, ки аз услубҳои забонӣ ва тарзи ифодаву воситаҳои бадеии асарҳо баҳс мекунад, сабкшиносӣ, стилистика.

**УСМА//ӮСМА** اسمه *гуфт.* гиёҳи махсуси сабзранги ороишӣ, ки занон онро афшурда бо он абрӯвони худро мероянд (*аслаш* **вусма** ва **васма**).

**УСОРА** *а.* عصاره *кит.* шира, шарбат, оби мевае, ки бо афшурдан ҳосил мешавад.

**УСПУШ** اسپش *кит.* 1. *ниг.* **куя**. 2. *ниг.* **митта**.

**УСРАТ** *а.* عسرت *кит.* 1. машаққат, сахтӣ, душворӣ. 2. тангдастӣ, факр, тиҳидастӣ.

**УСТО** استا *шакли ихтисоршудаи* **устод**. 1. донандаи коре; моҳир дар ҳунаре; мутахассис дар пешае: **устои бинокор (дуредгар, роҳсоз, челонгар)**; **усто шудан** маҳорат пайдо кардан; **усто будан ба коре** моҳиру чирадаст будан дар коре; ӯҳдабаро будан. 2. омӯзгори ҳунар (касб, пешае). 3. шахсе, ки ба корҳои маъмурӣ ва техникии коргоҳ, баст ва ё шӯъбаи кори сохтмон сардорӣ мекунад. 4. *гуфт., мач.* айёр, ҳилагар.

**УСТОГӢ** استاگی *ниг.* **устоӣ**.

**УСТОД** استاد 1. муаллим ва омӯзгори бузург: **турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро** (*зарб.*). 2. ихтисосманде, ки дар соҳаи худ ба ҳадди камолот расидааст, доно ва тавоно дар илм ё ҳунаре; **устоди кори худ будан** донандаи кори худ будан; дар кори худ чусту чолок будан, маҳорат доштан; **устоди сухан** суханвар; адиби номдор; **устоди санъат** санъаткори номдор. 3. унвони фахрӣ, ки ба пешқадамони ягон соҳаи кору фаъолият дода мешавад: **устоди санъати Тоҷикистон, устоди варзиш**.

**УСТОДӢ** استادی 1. *мансуб ба* **устод**; амалу вазифаи устод; муаллимӣ, омӯзгорӣ; роҳбарӣ. 2. маҳорат; ҳунармандӣ; **устодӣ кардан** роҳбарӣ кардан, муаллим будан.

**УСТОДОНА** استادانه 1. ба устод хос(с), махсуси устод; устодвор: **маҳорати устодона**. 2. устокорона, моҳирона; **устодона тасвир кардан, устодона иҷро кардан кореро**.

**УСТОЗ** استاذ *ниг.* **устод**.

**УСТОӢ** استائی маҳорат, кордонӣ; **бо устоӣ** моҳирона, устокорона.

**УСТОКОР** استاکار 1. соҳибҳунар, донандаи касбу коре; мутахассис дар соҳае; бомаҳорат, моҳир. 2. омӯзанда, ёддиҳанда. 3. *таър.* соҳиби устохона ва корхонаи пешаварӣ, он ки дар зери дасташ чанд нафар шогирд кор мекард.

**УСТОКОРӢ** استاکاری устогӣ, ҳунармандӣ; маҳорат; **устокорӣ кардан** маҳорат нишон додан, бо кордонию гапдонӣ амал кардан; чаққонию чолокӣ кардан.

**УСТОКОРОНА** استاکارانه ҳунармандона; моҳирона; бо маҳорати том.

**УСТОХ** اوستاخ//استاخ *кит.* далер, ҷасур; нотарс, беибо, густох.

**УСТОХӢ** اوستاخی густохӣ, далерӣ, ҷасурӣ.

**УСТОХОНА** استاخانه 1. муассисаи ҳунармандӣ, ки дар он чизҳоро таъмир ва дуруст мекунанд ё чизҳои нав месозанд; бинои корхона: **устохонаи оҳангарӣ**, **устохонаи пойафзолдӯзӣ**. 2. шӯъбаи коргоҳ: **устохонаи харротӣ**, **устохонаи дуредгарӣ**; **устохонаи таълимию истеҳсолӣ** муассисаи махсус ё шӯъбае дар мактабҳо, ки талабагон дар он ҳо ҳам касбу ҳунар меомӯзанд ва ҳам маҳсулот тайёр мекунанд.

**УСТУВО** *а.* استواء *ниг.* **истиво**.

**УСТУВОН** *а.* استوان *кит.* **сутун**.

**УСТУВОНА** استوانه 1. *кит.* ҳар чизе, ки сутунмонанд аст; сутун. 2. *ҳанд.* ҷисмҳое, ки ду сари онҳо аз ду доираи ба ҳам мувозӣ иборат буда, онҳоро ду ҳамвории мувозӣ ба ҳам мепайвандад, силиндр. 3. *тех.* яке аз қисмҳои асосии муҳаррики поршендори мошинҳо, ки шакли устувонаӣ дорад.

**УСТУВОНАӢ** استوانهای 1. *мансуб ба* **устувона**. 2. ҳар чизе ки шакли устувонаро дорад; устувонамонанд, устувонашакл.

**УСТУВОР** استوار 1. пойдор, побарҷо; маҳкам, мустаҳкам: **қалъаи устувор**; **сулҳи устувор** сулҳи пойдор, сулҳи бардавом, **таҳкурсии устувор** таҳкурсии мустаҳкам, таҳкурсии бақувват; **устувор бастан** маҳкам бастан *чизеро*; **устувор кардан** а) пойдор кардан; барқарор (барпо) кардан; б) рост кардан; шинондан, гузоштан, нишондан, насб кардан, афрохтан; **устувор шудан** пойдор шудан, мустаҳкам шудан, қавӣ гардидан, боқувват шудан. 2. *маҷ.* суботкор, собитқадам, боматонат, қавиирода; **азми (иродаи) устувор** азми қавӣ, азму иродаи мусстаҳкам; **бо қадамҳои устувор** дилпурона, боэътимод; **устувор будан** (*ба аҳду паймон, дар ваъда*) собитқадам (қатъӣ) будан; содиқ будан (дар ваъда, аҳду паймон ва ё дар ишқ); **устувор истодан** а) собитқадам будан, боматонат будан; б) истодагарӣ кардан.

**УСТУВОРӢ** استواری 1. пойдорӣ; мустаҳкамӣ. 2. собитқадамӣ, суботкорӣ, матонат; истодагарӣ дар аҳди худ ё расидан ба мақсаде.

**УСТУВОРОНА** استوارانه 1. собитқадамона, суботкорона; бо матонати том. 2. аз рӯи боварӣ ва эътимод, бо боварии том; бо қатъият.

**УСТУР** استور *кит.* сутур, улов, маркаб.

**УСТУРА** I استوره поку, теғ.

**УСТУРА** II *а.* اسطوره афсона, хурофот.

**УСТУРБОН** استوربان *кит.* сутурбон; он ки ба сутурон нигоҳубин мекунад, саис.

**УСТУРВАН** استروان *ниг.* **сутурван**.

**УСТУРДАН** استردن *шакли дигари* **сутурдан**.

**УСТУРЛОБ** *ю.* اسطرلاب [*аслаш* **астувлоб**] *кҳн.* асбоби кунҷсанҷ, ки ба воситаи он мавқеъ ва баландии ситораҳо ва дигар ҷирмҳои осмониро муайян мекарданд.

**УСТУХОН** I استخوان 1. моддаи сахт дар бадани инсону ҳайвон, ки устувории андом ва ҷузъҳои онро таъмин мекунад: **устухони даст**, **устухонҳои сутунмӯҳра**. 2. донаки меваҳо (*аз қабили* донаки хурмо, анор, ангур), ҳаста; ◊ **устухони** *касе* **сафед шудан** *маҷ.* азоби сахт кашидан; **устухони** *касе* **сахт шудан** (гаштан) а) ба воя расидан; б) бо коре зиёд машғул шудан; ба коре одат кардан, омӯхта шудан, корозмуда шудан; **корд ба устухон расидан** сахт ба танг омадан, ба ҷон расидан, тоқатшикан шудан (*азобу уқубати касе*); аз шиддати азобу машаққат аз ҷон безор шудан; **дар коре устухон надоштан** дар коре ниҳоят моҳир ва чусту чолок будан; **дар коре устухон сафед кардан** дар натиҷаи зиёд машғул шудан дар коре маҳорат пайдо кардан, корозмуда шудан.

**УСТУХОН** II استخوان *кҳн.* навъе аз аслиҳаи ҷангии қадим.

**УСТУХОНБАНД** استخوان بند *ниг.* **шикастабанд**.

**УСТУХОНБАНДӢ** استخوان بندی 1. маҷмӯи устухонҳо, ки танаи инсону ҳайвон бо воситаи он қоиму устувор аст, склет. 2. *тиб.* бо тартиби муайян тахтачабанд кардани ҷои шикастаи устухонҳо, шикастабандӣ; ◊ **устухонбандии асари бадеӣ** тарзи ҷобаҷогузории силсилаи воқеаҳои ба ҳам вобаста ва иштироккунандагони асари бадеӣ, бандубасти асари бадеӣ, композитсия.

**УСТУХОНБУЗУРГ** استخوانبزرگ *кит.* асилзода, наҷиб, калонзода.

**УСТУХОНДАРД** استخوان درد дарди устухон.

**УСТУХОНДОР** استخوان‌دار 1. ҳар чизе ки устухон дорад: **гӯшти устухондор**, **моҳии устухондор**. 2. *гуфт., маҷ.* дорои эътибор, соҳибэътибор, пурқудрат.

**УСТУХОНПАРДА** استخوان پرده пардаи устухон.

**УСТУХОНПОРА** استخوان‌پاره як порчаи устухон; пораи устухони шикаставу майдашуда.

**УСТУХОНРАБО** استخوان‌ربا 1. *маҷ.* саг. 2. мурғи афсонавии Ҳумо, ки гӯё устухон мехӯрдааст.

**УСТУХОНРЕЗА** استخوان ریزه 1. устухонпора. 2. *маҷ.* хурдҷусса: **одами устухонреза**.

**УСТУХОНРЕЗАГӢ** استخوان‌ریزگی хурдҷуссагӣ, резаандомӣ.

**УСТУХОНСОЗӢ** استخوان‌سازی *биол.* табдили ҳуҷайраҳои мулоим ва бофтаҳои ҳуҷайравӣ ба устухон ва таркибҳои устухонӣ.

**УСТУХОНТАЛОШӢ** استخوان تلاشی часпочаспӣ ва талош барои устухон: **устухонталошии сагон**.

**УСТУХОНФУРӮШӢ** استخوان فروشی *кит., маҷ.* таъриф ва ситоиши гузаштагони худ.

**УСТУХОНХОӢ** استخوان‌خائی чида хӯрдани гӯшт аз устухони дар таоме пӯхташуда, хоидани устухон.

**УСТУХОНӢ** استخوانی 1. *мансуб ба* **устухон**. 2. аз устухон сохташуда: **шонаи устухонӣ, корди дасташ устухонӣ**.

**УСТУХОНХОР** استخوان‌خوار 1. *кит.* устухонхӯр, дорои тавоноии устухон хӯрдан. 2. *маҷ., кит.* мурғи Ҳумо.

**УСТУХОНХОРӢ** استخوان‌خواری *кит.* амал ва кори устухонхӯр.

**УСТУХОНХӮР** استخوان‌خور парандае, ки хӯрокаш устухон аст (*мас., мурғи Ҳумо*).

**УСТУХОНХӮРӢ** استخوان‌خوری устухон хӯрдан; устухонхӯр будан.

**УСТУХОНШИНОС** استخوان‌شناس *тиб.* мутахассиси устухоншиносӣ, остеолог.

**УСТУХОНШИНОСӢ** استخوان‌شناسی *анат.* як соҳаи анатомия, ки ба омӯзиши сохт, шакл ва таркиби устухонҳои бадан машғул аст, остеология.

**УСУЛ** *а.* اصول 1. *ҷ.* **асл** (аслҳо); тарз, тариқ, равиш, роҳ; тартиб: **мактаби усули нав (ҷадид)**, **усули нави табобатӣ**, **усули кор; ба усули** … ба тартиби …, ба шакли …; **бо усули** …, ба тариқи …, ба тарзи…: **усулеро ба кор бурда**, **бо усули литографӣ чоп кардани китоб**, **бо усули чоркунҷа коштани пахта**. 2. *маҷ.* таърих ва моҳияти пайдоиши беморӣ. 3. нағма, наво, оҳанги мусиқӣ. 4. ҳаракати мавзун; рақс; **усул кардан** рақсидан; **нағмаву усул** рақсу наво, мусиқинавозию рақс. 5. номи яке аз нағмаҳои ҳафтдаҳгонаи мусиқии классикӣ. 6. қоидаи асосии ҳар илм; асосҳои ҳар илм: **усули шеър, усули калом**.

**УСУЛАН** اصولاً аслан, асосан.

**УСУЛӢ** اصولی аслӣ, решагӣ; асосӣ.

**УСУР** *а.* عثور *кит.* лағзиш, афтодан.

**УСФУР** *а.* عصفور *кит.* гунҷишк.

**УТЛАТ** *а.* عطلت *кит.* бекорӣ; **дар утлат мондан** бекор мондан.

**УТОҚ** *т.* اطاق ҷои алоҳидаи аз ҳам бо деворҳо ҷудокардашуда дар дохили бино ё иморат, хона; ҳуҷра: **утоқи кор**, **утоқи хоб**.

**УТОҚА** *т.* اطاقه *шакли тасғири* **утоқ**; утоқи хурд, хонача.

**УТОПИЯ** *ю.* اتاپیه 1. хаёл, тасаввур; хаёли хом. 2. *фалс.* таълимот дар бораи дигаргунсозии иҷтимоӣ барпо кардани сохти идеалии ҷамъият, бе назардошти қонуниятҳои объективии тараққиёти он, хаёлпарастӣ: **утопияи иҷтимоӣ**.

**УТОРИД** *а.* عطارد *ниг.* **Аторуд**.

**УТОС** *а.* عطاس *кит.* атса.

**УТРОР** *т.* اترار алафзор, марғзор, чарогоҳ.

**УТТӢ** اتی *ниг.* **дарзмол**.

**УТУ** اتو *ниг.* **дарзмол**.

**УТУКАШ** اتوکش он ки либосҳоро дарзмол мекунад, то ки ҳамвор бошанд, дарзмолкунанда.

**УТУФАТ** *а.* عطوفت меҳрубонӣ, шафқат, таваҷҷӯҳ.

**УФ** اوف 1. *ҳиссачаи таассуф.* 2. *нидо* оҳ!, вой! (*дар мавриди норозӣ будан ва монда шудан гуфта мешавад*): **уф гуфтан**; **уф-пуф кардан** оҳу воҳ гуфтан.

**УФАР** افر *мус.* шакли шӯхи оҳангиест, ки дар шӯъбаҳои шашмақом ҳамчун қисми хотимавии мавзӯъҳои асосӣ меояд: **уфари ушшоқ**, **уфари сегоҳ**.

**уфт** افت *асоси замони ҳозира аз* **уфтодан**.

**УФТ** افت **:уфту андози нигоҳ** ҳаракати хушоянд ва мавзуни нигоҳ.

**УФТОДА** اوفتاده//افتاده *ниг.* **афтода**.

**УФТОДАГӢ** افتادگی *ниг.* **афтодагӣ**.

**УФТОДАН** افتادن *ниг.* **афтодан**.

**УФТУХЕЗ** افت وخیز *ниг.* **афтухез**.

**УФУҚ** *а.* افق 1. он ҷо ки гӯё осмон ба замин мерасад, канораи осмон; фазои ба назар намоёни рӯи Замин; **дар уфуқи дур, уфуқи кабуд** (**нилуфарӣ**). 2. *маҷ.* олам, дунё, офоқ.

**УФУҚӢ** افقی *мансуб ба* **уфуқ**; **хати уфуқӣ** хате, ки мувозӣ ба сатҳи Замин мебошад; *муқоб.* **амудӣ**.

**УФУЛ** *а.* افول *кит.* 1. ғуруб, фурӯ рафтан (-и ситора). 2. *маҷ.* мурдан, фавтидан.

**УФУНАТ** *а.* عفونت 1. бадбӯ шудан, бадбӯӣ пайдо кардан; тааффун, бадбӯӣ, бӯйнокӣ. 2. *тиб.* вайроншавӣ ва фасод кардани захмҳо, варамҳо ва дигар иллатҳои аъзои бадан дар натиҷаи афтодани микробҳо, инфексия.

**УХ** اخ *нидо* барои изҳори тааҷҷуб ва таассуф.

**УХРАВӢ** *а.* اخروی *кит.* 1. *мансуб ба* **ухро**. 2. *д.* охиратӣ, ондунёӣ.

**УХРО** *а.* اخری *кит.* 1. дигар, дувум, сонӣ. 2. охирин, вопасин. 3. *д. маҷ.* охират, он дунё.

**УХТ** *а.* اخت *кит.* хоҳар, ҳамшира.

**УХУВВАТ** *а.* اخوت бародарӣ, дӯстӣ.

**УҲУ** اهو *нидои* тааҷҷуб ва ҳайрат.

**УҲУ-УҲУ** اهو اهو садои сулфа; **уху-уху кардан** сулфа кардан, сулфидан.

**УЧОҚ** اچاق дегдон, оташдон.

**УҶБ** *а.* عجب *кит.* худписандӣ, ғурур, ҳавобаландӣ: **уҷбу нахват**.

**УҶМ** *а.* عجم аломат ва ишораҳое, ки дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ ба зеру болои ҳарфҳо мегузоранд.

**УҶМАТ** *а.* عجمت *кит.* 1. кундзабонӣ, лакнати забон. 2. новозеҳӣ, бефасоҳатӣ.

**УҶОБ** *а.* عجاب *кит.* аҷиб, шигифт, тааҷҷубангез.

**УҶОҶ** *а.* اجاج *кит.* (намаки) талх, (оби) шӯр.

**УҶР** *а.* اجر *ниг.* **уҷра(т)**.

**УҶРА(Т)** *а.* اجره//اجرت *кит.* 1. подош; музд, ҳақ(қ). 2. иҷорапулӣ, ҳаққи кироя, маблағи иҷораи чизе.

**УҶРАТГИР** اجرت‌گیر *кит.* 1. гирандаи иҷорапулӣ, ситонандаи маблағи кирояи чизе. 2. уҷратхӯр, нафақагир, муздгиранда, маошгиранда.

**УҶРАТХӮР** اجرت‌خور *кит.* нафақахӯр, вазифахӯр; маошгиранда.

**УҶРИХОР//УҶРИХӮР** اجری‌خوار//اجری‌خور *ниг.* **уҷратхӯр**.

**УҶРО** *а.* اجرا *кит.* ротиба ва маоши рӯзмарра; таоми ҳаррӯза, ки ба мӯҳтоҷон медиҳанд.

**УҶУР** *а.* اجور *ҷ.* **аҷр** (подошҳо, муздҳо).

**УШКУФА** اشکوفه *шакли дигари* **шукуфа**.

**УШНА** اشنه навъи гиёҳест, ки дар биёбон ва ҷойҳои гарм вомехӯрад ва гулу реша надорад.

**УШНАБАСТА** اشنه بسته бо ушна фарогирифта, ҷои ушназеркарда.

**УШНАГИЁҲ** اشنه‌گیاه *ниг.* **ушна**.

**УШНАДОР** اشنه دار ҷои дорои гиёҳи ушна.

**УШНОН** اشنان *ниг.* **ушна**.

**УШПУЛАК** اشپلک ҳуштакчаи бачагонаи сафолин.

**УШР** *а.* عشر 1. *кит.* даҳяк. 2. *таър.* андозе, ки аз заминҳои корам ба миқдори даҳяки ҳосили онҳо гирифта мешуд. 3. *д.* даҳяки Қуръон. 4. даҳаи аввали моҳи рамазон; **ушри ашир** а) садяк, аз сад як; б) *маҷ.* чизи андак.

**УШРА** *а.* عشره *кит.* номи як ҷинс дарахти талх-

мева.

**УШРИЯ** عشریه *ниг.* **ушр** 2.

**УШРӢ** عشری *кит.* 1. он, ки ба миқдори даҳяк хироҷ медиҳад. 2. тифли навомӯзи қуръонхон.

**УШРХОН** عشرخوان 1. қуръонхон. 2. *киноя аз* одами маъзул ва бекормонда.

**УШТУЛУМ** اشتلم *кит.* 1. тундӣ, дағалӣ, дурруштӣ, хушунат; **ба уштулум** тундхӯёна; дағалона. 2. шӯру ғафғо, ҷангу ҷанҷол. 3. зӯрӣ, зулм, таадӣ.

**УШТУР** اشتر *шакли дигари* **шутур**.

**УШТУРАК** اشترک 1. шутури майда; шутурбача. 2. *маҷ.* мавҷи дарё.

**УШТУРБОН** اشتربان *ниг.* **шутурбон**.

**УШТУРГИЁҲ** اشتر گیاه *ниг.* **янтоқ**.

**УШТУРҒОЗ** اشترغاز гиёҳест монанди коҳу.

**УШТУРПОЙ** اشترپای гиёҳе, ки барги он ба кафи пои шутур монанд аст.

**УШТУРХОР** اشترخار *ниг.* **янтоқ**.

**УШШОҚ** *а.* عشّاق 1. *ҷ.* **ошиқ**. 2. номи яке аз мақомҳои мусиқии «Шашмақом»; савти калон.

**УЮБ** *а.* عیوب *ҷ.* **айб**.

**УЮН** *а.* عیون *ҷ.* **айн** I (чашмҳо).

# Ӯ

**Ӯ** I *ҳарфи бисту панҷуми алифбои ҳозираи тоҷикӣ; дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ дар аввали калимаҳо ба воситаи* алифу вов (او) (*мас.*, اورده ӯрда) *ва дар мобайн ва охири калимаҳо бо* вови маҷҳул (و) (*мас.*, гӯл گول гулӯ گلو) *ифода мегардад; дар ҳиҷоҳои баста пеш аз* «ҳ» (ه) *ва пеш аз* айн (ع) *меояд* (*мас.*, мӯҳтарам محترم, мӯъҷиза معجزه); *дар аввали калимаҳо ҳарфи* айн (ع) *агар замма қабул кунад, ӯ хонда мешавад* (*мас.*, **ӯҳда** عهده).

**Ӯ** II او *ҷонишини шахси сеюми танҳо*; аз ӯ, ба ӯ.

**ӮБА** *т.-м.* اوبه *кҳн.* хаймаи истиқоматии кӯчманчиён, юрт, бошишгоҳи кӯчманчиён.

**ӮБАДА** اوبده *гуфт.* дарида, порашуда, либоси пахтаҳояш баромадаи овезон.

**ӮГАЙ** *т.* اوگی *гуфт.* ғайрихунӣ, ғайрихудӣ; **духтари ӯгай** духтарандар, рабиба; **додари ӯгай** додарандар, додари сababӣ; **модари ӯгай** модарандар; **падари ӯгай** падарандар; **фарзанди ӯгай** писар ё духтари ба зан ё шавҳари пештара тааллуқдошта, рабиб, рабиба.

**ӮҒУР** اوغر *ниг.* **уғур**.

**ӮҒУРАК** اوغرک *ниг.* **уғурак**.

**ӮҒУРДАСТА** اوغردسته *ниг.* **уғурдаста**.

**ӮҒУРКӮБӢ** اوغر کوبی дар ӯғур чизеро кӯфтан.

**ӮҒУРЧА** اوغر چه *ниг.* **уғурак**.

**ӮҒУРЧАДАСТА** اوغرچه‌دسته дастаи ӯғурак; *муқ.* **ӯғурдаста**.

**ӮҒУРШАКЛ** اوغرشکل ҳар чизи ба ӯғур монанд; **гардани ғафси ӯғуршакл** гардани ғафси безеб.

**ӮЗАК** *т* اوزک *гуфт.* мағзи миёни танаи дарахт ва ғайри қобили хӯрдании миёни баъзе сабзавот: **ӯзаки карам**; **ӯзаки сабзӣ**; **сабзии ӯзак** сабзии сахти ба реша табдилшуда.

**ӮЗБАК** اوزبک номи халқи туркизабон, ки аҳолии асосии Ҷумҳурии Ӯзбакистони ҳамсояро ташкил медиҳад.

**ӮЗБАКӢ** اوزبکی *мансуб ба* **ӯзбак: забони ӯзбакӣ**.

**ӮЗБЕК** اوزبیک *ниг.* **ӯзбак**.

**ӮЗБЕКӢ** اوزبیکی *ниг.* **ӯзбакӣ**.

**ӮЙ** اوی I *шакли шеърии* **ӯ**; **андар ӯй** дар вай.

**ӮЙ** II *нидо* ой, ҳой (*дар вақти муроҷиат, хабардор кардани касе гуфта мешавад*).

**ӮЛАНГ** I *т.* اولنگ суруде, ки дар байни халқҳои туркизабон дар тӯйҳо ва маросимҳо асосан

ба тариқи дастҷамъӣ хонда мешавад.

**ӮЛАНГ** II *т.* اولنگ сабззазор, марғзор.

**ӮЛАТ** *т.* اولت *гуфт.* муромурӣ, вабо (-и ҳайвонот).

**ӮЛПОН** *т.* اولپان *таър.* як навъи андоз аз замин, хироҷи замин.

**ӮЛПОНПУЛӢ** اولپان پولی *таър.* пули андози замин; маблағи аз пардохти андози замин ҷамъшуда.

**ӮЛЧАК** *т.* اولچک *гуфт.* андоза, ченак, чен; **ӯлчак кардан** андоза кардан, ченаки чизеро гирифтан.

**ӮЛЧАКЧӮБ** اولچک چوب *гуфт.* чӯби ченакаш муайян, ки бо он чизеро чен мекунанд ё масофаи чизеро андоза мегиранд.

**ӮЛҶА//УЛҶА** *т.-м.* اولجه чизу чора ё моле, ки аз (майдони) ҷанг ба даст даровaрда мешавад, ғанимати гирифташуда аз душмани мағлуб: **ӯлҷа гирифтан**; **ба ӯлҷа бурдан** ғанимат гирифтан, ба ғорат бурдан.

**ӮМОЧ** اوماچ *хӯр.* як навъ таоми обдор, ки бо хамири реза-резаи тухми мурғ ва равған омехта тайёр мекунанд.

**ӮРА** اوره 1. чоҳи одатан начандон чуқури хуммонанд, ки барои нигоҳ доштани ғалла, сабзӣ, картошка *ва г.* дар ягон гӯшаи саҳни ҳавлӣ канда мешавад. 2. хандақ, канда; заминкан (барои мудофиаи ҳарбӣ), **ӯра кандан** (ба ҳар ду маъно). 3. *кҳн.* дара, сой.

**ӮРАМОНАНД** اوره مانند монанд ба ӯра, мисли ӯра.

**ӮРДА** I اورده *т.* *таър.* 1. номи давлат, иттиҳоди қабилаҳо ва қароргаҳи хонҳои тотору муғул. 2. бошишгоҳи хону амир ва ҳокимон; қалъаву ҳисори ҳокимнишон.

**ӮРДА** II *т.* اورده *кҳн.* ҳарамхонаи хон, амир, подшоҳ ва ҳокимон.

**ӮРДАК** *т.* اوردک *гуфт.* мурғобӣ.

**ӮРДАКПАРРОНӢ** اوردک پرانی *киноя аз* истеҳзо ва масхара: **ӯрдакпар(р)онӣ кардан**.

**ӮРДУ** اوردو *ниг.* **урду** I; **ӯрдуи ситам** лашкари ғаму андӯх; **ӯрду задан** истеҳком гирифтан пеш аз ҷанг, лашкаргоҳ сохтан.

**ӮРДУГОҲ** اوردوگاه *ниг.* **урдугоҳ**.

**ӮРМУЗ** اورمز *ниг.* **ҳурмуз(д)**.

**ӮРМУЗД** اورمزد *ниг.* **ҳурмуз(д)**.

**ӮРОҚ** اوراق *таър., ниг.* **урок**.

**ӮСАЛ** اوسل *гуфт.* **ӯсал кардан** хиҷолат додан; ба ҳолати ногувор монондан; **ӯсал шудан** ба ҳолати ногувор мондан, хиҷолат кашидан, шармсор шудан.

**ӮСМА** اوسمه гиёҳи сабзрангест, ки духтарону занон онро фишурда, оби онро барои ороиш ба абрувон мемоланд (*аслаш* **васма** ва **вусма**).

**ӮСМАКАШӢ** اوسمه‌کشی ба абрувон ӯсма молидан.

**ӮТОВ** *т.* اوتاو *гуфт.* хонаи тобистонаи кӯчманчиёни чорводор, ки дар чарогоҳ месозанд.

**ӮҲ** اوه *нидо калимае*, ки тарс, ҳайрат, афсӯс, мондагӣ, ғамзадагӣ *ва г.-ро ифода мекунад*: эҳ, оҳ, вой ; уф.

**ӮҲБАТ** *а.* اهبت *кит.* созу сомон; таҷҳизот ва силоҳи лашкар.

**ӮҲДА** *а.* عهده таахҳуд, зимма; ҷавобгарӣ, масъулият; **ӯҳда карда тавонистан** а) иҷро (*анҷом, буд*) карда тавонистан; б) идора карда тавонистан, ба даст гирифта тавонистан; ба тартибу низом андохта тавонистан; **аз ӯҳдаи коре баромадан** кореро иҷро карда тавонистан, ба ҷо оварда тавонистан; **аз ӯҳдаи кори** *касе* **баромадан** кори касеро анҷом ва буд карда тавонистан; **ба ӯҳдаи худ гирифтан** ӯҳдадор шудан, ба зимма гирифтан, масъули иҷрои коре шудан; **ба ӯҳдаи** *касе* **будани коре** ба зиммаи касе будани иҷрои коре; **кореро ба ӯҳдаи** *касе* **гузоштан** иҷрои кореро ба касе супоридан, масъулияти кореро ба касе вогузор кардан.

**ӮҲДАБАРО** عهده‌برا моҳир, лаёқатнок, чолок дар ҳар кор.

**ӮҲДАБАРОЁНА** عهده‌برایانه бо ӯҳдабарой, бо кордонӣ, моҳирона, лаёқатмандона.

**ӮҲДАБАРОЙ** عهده برایی аз ӯҳдаи анҷом додани корҳо ба хубӣ баромада тавонистан; кор-

донӣ; лаёқатнокӣ; чустучолокӣ дар иҷрои корҳо.

**ӮҲДАДОР** عهده‌دار вазифадор, муваззаф, масъул; ҷавобгар, кореро (чизеро) бар ӯҳда гиранда; **ӯҳдадор кардан** барои коре масъул гардонидан, вазифадор кардан, кореро ба зиммаи касе гузоштан; **ӯҳдадор шудан** вазифадор шудан, масъули коре шудан, ба зимма гирифтан.

**ӮҲДАДОРӢ** عهده داری иҷрои чизеро ё кореро ба зимма гирифтан, маҷбурият; вазифадор шудан (барои иҷрои коре), вазифадорӣ: **ӯҳдадории ҳарбӣ**.

**ӮҲДАНОБАРО** عهده‌نابرا он ки аз ӯҳдаи коре намебароядः белаёқат, ноӯҳдабаро.

**ӮҲДАНОБАРОӢ** عهده‌نابرایی ноӯҳдабароӣ, белаёқатӣ.

**ӮҲӮ-ӮҲӮ** اوهو اوهو *калимаи тақлиди овоз*, ки сурфаи сахтро ифода мекунад.

**ӮҲҲӮ** اوهّو *нидо* ҳайронӣ, тааҷҷуб, таъриф, таҳсин, норизоӣ *ва г.-ро ифода мекунад*: эҳе, эҳа; аҷаб!

**ӮЪҶУБА** *а.* اعجوبه *ниг.* **аъҷуба**.

# Ф

**Ф** *ҳарфи бисту шашуми алифбои ҳозираи тоҷикӣ; дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ ҳарфи фе* (ف)*; дар ҳисоби абҷад ба адади 80 баробар аст.*

**ФААММО** *а.* فاما пас, аммо, валекин.

**ФАБИҲО** *а.* فبها пас хубтар, боз беҳтар, боз хуштар.

**ФАБРИКА** *лот.* فبریکه муассисаи саноатӣ барои коркарди мошинии ашёи хом; корхона.

**ФАБРИКӢ** فبریکی *мансуб ба* **фабрика**; моле, ки дар фабрика истеҳсол шудааст, на дар коргоҳҳои пешаварӣ; **моли истеҳсоли фабрикӣ**.

**ФАВВОРА** *а.* فواره шарраи об ё моеъ, ки аз сӯрохӣ ё лӯлае бо қувваи фишор ҷӯш зада, баланд мебарояд; **фаввора задан** ҷӯш зада баромадани об, хун ва моеоти дигар; ◊ **фаввораи нур** чашмаи нур, ҷараёни нур.

**ФАВВОРАЗАНӢ** فواره‌زنی ҷӯш задани об аз фаввора.

**ФАВЗ** *а.* فوز *кит.* 1. ғалаба, пирӯзӣ, нусрат. 2. раҳоӣ, растагорӣ; наҷот, халосӣ; **фавзи азим** саодати бузург.

**ФАВҚ** *а.* فوق 1. боло, забар, фарози чизе, рӯи чизе; *муқоб.* **тахт**, **зер**. 2. берун аз..., зиёда аз …, зиёдтар, болотар.

**ФАВҚАН** *а.* فوقاً дар боло, он чи марбут ба фавқ аст .

**ФАВҚИЯТ** *а.* فوقیت боло будан, бартарӣ, баландӣ нисбат ба чизе.

**ФАВҚӢ** فوقی болоӣ, фарозӣ.

**ФАВҚОНӢ** فوقانی *ниг.* **фавқӣ**.

**ФАВҚУЗЗИКР** *а.* فوق‌الذّکر дар боло зикршуда; зикре, ки дар боло шудааст; мазкур.

**ФАВҚУЛВАСФ** *а.* فوق‌الوصف *кит.* болотар аз ҳадди тавсиф.

**ФАВҚУЛИҚТИДОР** *а.* فوق‌الاقتدار болотар аз иқтидор, бениҳоят муқтадир.

**ФАВҚУЛМИЛЛӢ** فوق‌الملّی болотар аз манфиатҳои миллӣ.

**ФАВҚУЛОДА** *а.* فوق‌العاده аз одат берун, берун ва зиёда аз ҳадди муқаррарӣ, берун аз доираи одоту муқаррарот; дорои ҳуқуқи мустасно: **сафири фавқулода ва мухтор**, **анҷумани фавқулода**.

**ФАВҚУЛОДАГӢ** فوق‌العادگی фавқулода будан; берун аз ҳадди муқаррарӣ будан; ҳуқуқу салоҳиятҳои истисноӣ доштан.

**ФАВҚУЛФАВҚ** *а.* فوق‌الفوق аз ҳад берун, аз ҳад афзун, бисёр.

**ФАВҚУЛХОЛИС** فوق‌الخالص бениҳоят холис; аз ҳадди муқаррарӣ холистар.

**ФАВҚУЛҲАД** *а.* فوق‌الحد аз ҳад берун, аз ҳад афзун, бисёр.

**ФАВҚУЛҲАССОС** *а.* فوق‌الحساس бурун аз ҳиссиёт, аз доираи эҳсос берун, ҳисношаванда.

**ФАВҚУННОҚИЛ** *а.* فوق‌الناقل ноқили ғайримуқаррарӣ; ноқили дорои қобилияти аз ҳад зиёд.

**ФАВҚУННОҚИЛИЯТ** فوق‌الناقلیت ноқилияти ғайримуқаррарӣ; дорои қобилияти гузаронандагии аз ҳад зиёд будан.

**ФАВҚУССАДО** *а.* فوق‌الصدا *физ.* берун аз ҳадди садо: суръати фавқуссадо.

**ФАВҚУССУРЪАТ** *а.* فوق‌السرعت берун аз ҳадди суръат, барои муқаррароти суръат.

**ФАВҚУТТАБИАТ** فوق‌الطبیعت 1. берун аз табиат; *ниг.* **метафизика.** 2. *мансуб ба* **илоҳиёт**.

**ФАВҚУТТАБИӢ** فوق‌الطبیعی ғайримуқаррарӣ: **ҳисси фавқуттабиӣ**.

**ФАВҚУТТАМОМ** *а.* فوق‌التمام аз ҳама болотар, афзалтар, тамомтар, чизе, ки нисбат ба чизҳои дигар дар сатҳи баланд қарор дорад; чизи беҳтарин дар навъи худ.

**ФАВҚУТТАСАВВУР** *а.* فوق‌التصور болотар ё хориҷ аз ҳадди тасаввур ва андеша.

**ФАВҚУШШИДДАТ** *а.* فوق‌الشدت *физ.* болотар аз қувваи шиддат.

**ФАВОЕҲ** *а.* فوائح *ҷ.* **фоеҳ**; он чизҳое, ки бӯйҳои хуш паҳн мекунанд (гул, райҳон…).

**ФАВОЗИЛ** *а.* فواضل 1. *ҷ.* **фазилат**. 2. *кит.* чизҳои изофӣ, зиёдӣ, зиёдатӣ. 3. некиҳо, бахшишҳо.

**ФАВОИД** *а.* فوائد *ҷ.* **фоида**.

**ФАВОКЕҲ** *а.* فواکه *ҷ.* **фокиҳа** (мева).

**ФАВОТ** *а.* فوات *кит.* 1. фавтидан, даргузаштан, мурдан. 2. гум шудан, талаф шудан.

**ФАВОТЕҲ** *а.* فواتح *ҷ.* **фотиҳа(т)**.

**ФАВОҲИШ** *а.* فواحش *ҷ.* **фоҳиша** II.

**ФАВР** *а.* فور 1. ҷушиш. 2. зудӣ ва тезӣ, суръати тамом, бошитоб.

**ФАВРАН** *а.* فوراً дарҳол, базудӣ, батезӣ.

**ФАВРАТ** *а.* فورت шиддати чизе (*кор*, *ҳарорат хашм*).

**ФАВРӢ** فوری он чи бояд бетаъхир ва босуръат анҷом гирад, таъҷилӣ: **ҷавоби фаврӣ**.

**ФАВТ** *а.* فوت 1. даргузаштан, мурдан, вафот. 2. зоеъ шудан, талаф шудан; **фавти вақт** гузаштани вақт, зоеъ шудани вақт; **фавт кардан** даргузаштан, мурдан, вафот кардан; **фавт шудан** а) мурдан, даргузаштан; б) аз байн рафтан, аз даст рафтан.

**ФАВТИДАН** فوتیدن фавт кардан, даргузаштан, мурдан.

**ФАВҲ** *а.* فوح паҳн шудани бӯй (махсусан бӯи хуш).

**ФАВҶ** *а.* فوج гурӯҳ, даста, гурӯҳе аз мардум; дастаи муайяни аскар: **фавҷи силоҳ**; **фавҷ-фавҷ** анбӯҳи одамон, аскарон, лашкариён, ки паиҳам меоянд.

**ФАВҶДОР** فوج دار сардори фавҷе аз лашкар.

**ФАГОНА** فگانه *кит. шакли дигари афгона* ба маънии норасида, норасо, фиганда, партофта.

**ФАҒ** فغ 1. *кит.* бут, санам. 2. *маҷ.* маъшуқа.

**ФАҒА** فغه *ниг.* **поға**.

**ФАҒАНД** فغند *кит.* ҷаҳиш, ҷастухез.

**ФАҒВОРА** فغواره *кит.* шахшуда чун бути сангин, санами беҷон, он ки аз хиҷолат ё аз дилтангӣ мабҳут ва ҳайрон монда сухан гуфта натавонад.

**ФАҒЁЗ** فغیاز *кит.* ато, бахшиш, сила.

**ФАҒИСТОН** فغستان *кит.* буткада, санамхона.

**ФАҒОК** فغاک *кит.* аблаҳ, нодон, гӯл; ҳаромзод.

**ФАҒОН** فغان 1. *ниг.* **фиғон**. 2. бутҳо, санамҳо. 3. *маҷ.* маъшуқон.

**ФАҒОНА** فغانه *ниг.* **фиғон**: баланд шудани овоз; **фағона кардан** фарёд кашидан, шӯру ғавғо баровардан.

**ФАҒФУР** فغفور 1. (*айнан* фарзанди Худо), лақаби подшоҳони қадими Чин. 2. зарфҳои чинӣ, чинивор; ◊ **ҳафт фағфур** *киноя аз* ҳафт сайёра.

**ФАҒФУРӢ** فغفوری 1. он чи мансуб ба фағфур аст; **хонадони фағфурӣ**, **подшоҳони фағфурӣ**. 2. зарфҳои чинӣ (*коса*, *пиёла*).

**ФАДАВИЁНА** فدویانه *кит.* фидоивор, фидокорона.

**ФАДАВӢ** *а.* فدوی *кит.* фидоӣ, он ки дар роҳи мазҳаб ё маслаке ҷоннисорӣ мекунад, ҷонсупор.

**ФИДОМАТ** *а.* فدامت *кит.* дағалӣ, муомилаи дурушт.

**ФАДФАД** *а.* فدفد *кит.* саҳро ва замини ҳамвор, дашт.

**ФАЁЛ** فیال *кит.* 1. оғоз, шурӯъ, аввал. 2. замине, ки аввалин бор кишт шудааст, замини навкорам.

**ФАЁР** فیار *кит.* шуғл, кор, пеша.

**ФАЖА** فژه *кит.* палид, зишт; олуда.

**ФАЖҒАНД** فژغند палид; ифлос; зишт.

**ФАЖОГИН** فژاگین *ниг.* **фажа**.

**ФАЖОК** فژاک мурдор, ганда, зишт, палид.

**ФАЗАЪ** *а.* فزع 1. тарс, бим, ваҳм, даҳшат хавф. 2. фарёд, ғулғула, нолаву зорӣ, ғирев.

**ФАЗИЛАТ** *а.* فضیلت 1. бартарӣ, болотарӣ, афзалият. 2. бартарӣ дар фазл, дониш ва камол, дорои сифатҳои нек будан.

**ФАЗИЛАТГУСТАР** فضیلت‌گستر 1. он ки дар тарвиҷу вусъати фазлу дониш кӯшиш мекунад. 2. *маҷ.* фозил ва донишманд.

**ФАЗИЛАТНОК** فضیلتناک фозил, донишманд.

**ФАЗИЛАТОИН** فضیلت‌آئین *кит.* соҳиби фазилат, соҳиби маърифат ва камол.

**ФАЗИЛАТОМЕЗ** فضیلت‌آمیز 1. он ки бо фазилат омезиш ёфтааст. 2. *маҷ.* фозил.

**ФАЗИҲ** *а.* فضیح расво, шарманда, беобрӯ.

**ФАЗИҲАТ** *а.* فضیحت расвоӣ, шармандагӣ, беобрӯӣ, ошкор кардани кори бад; ◊ **фазиҳат кардан** шарманда кардан, маломат кардан; **фазиҳат шудан** расво шудан, шарманда шудан.

**ФАЗЛ** *а.* فضل 1. бартарӣ, афзунӣ. 2. дониш, илм, маърифат, камол; **изҳори фазл** фазлу дониши худро зоҳир кардан; доноии худро нишон додан.

**ФАЗЛА** فضله *а.* 1. зиёдатӣ, бақия, пасмонда. 2. пасхӯрда, сарқут. 3. он чи пас аз хӯрдан аз инсон ва ё ҳайвон берун мешавад, ифрозот, саргин. 4. *маҷ.* гапи беҳудаи барзиёд; **фазлаоб** оби ифлос ва чиркин.

**ФАЗЛПАРВАР** فضل‌پرور 1. ихлосманди фазлу дониш. 2. *маҷ.* фозил ва донишманд.

**ФАЗЛПЕША** فضل پیشه *ниг.* **фазлпарвар**.

**ФАЗЛФУРӮШӢ** فضل فروشی худнамоӣ бо фазлу дониши худ.

**ФАЗО** *а.* فضا 1. ҷои васеъ, макони фарох; майдон, соҳа, арса. 2. фалак, осмон, ҳаво. 3. холигӣ, ковокии даруни чизе. 4. макone, ки кураи Замин дар он ҷо гирифтааст ва аз ҳеҷ тараф маҳдуд нест; ◊ **фазои хок** *киноя аз* дунё.

**ФАЗОЕҲ** *а.* فضائح *ҷ.* **фазиҳат**.

**ФАЗОИЛ** فضائل *ҷ.* **фазилат**.

**ФАЗОИШ** فزایش *ниг.* **физоиш**.

**ФАЗОЛИК** *а.* فذالک ҳосил, натиҷа, ҷамъбаст, хулоса.

**ФАЗОТРОН** *ю.* فزاتران *физ.* суръатфизои заррахои барқадори вазнин.

**ФАЙ** *а.* فی *кит.* соя, сояноки; сояи баъд аз пешин, сояи Офтоб дар гашти пешин; **фай гаштан** ҳеҷ шудан, нобуд шудан.

**ФАЙЁЗ** *а.* فیاض файздиҳанда, бисёр бахшанда, пурхайр, файзбахш.

**ФАЙЗ** *а.* فیض 1. бахшиш, ато. 2. бисёрӣ, фаровонӣ дар бахшиш ва ато; баракат.

**ФАЙЗБАХШ** فیض‌بخش атокунанда, баракатдеҳ.

**ФАЙЗБАХШӢ** فیض‌بخشی лутфу марҳамати бисёр кардан; бахшиш ва хайру барака расонидан.

**ФАЙЗБОР** فیض‌بار пурбаракат, хайру бахшишкунанда: **борони файзбор** борони баҳор.

**ФАЙЗГИРӢ** فیض‌گیری баҳраи моддиву маънавӣ гирифтан, баҳрагирӣ.

**ФАЙЗЁБ** فیض‌یاب баракатбинанда, баҳравар; **файзёб гардидан** (**шудан**) баҳраманд гардидан (*мас., аз сӯҳбати каси аз худ бузург ё донишманд*).

**ФАЙЗЁБӢ** فیض‌یابی баҳраи моддиву маънавӣ гирифтан, баҳрагирӣ.

**ФАЙЗПАРВАР** فیض‌پرور файзбахш, пурбаракат.

**ФАЙЛ** *англ.* فیل *тех.* маҷмӯаи додаҳо ва барномаҳои мураттаб, ки дар компютер бо як ном шинохта мешавад; маҷмӯи ёддоштҳо дар доираи як санад дар компютер.

**ФАЙЛАСУФ** *а.* فیلسوف фалсафадон, дӯстдори илму ҳикмат, ҳаким.

**ФАЙЛАСУФӢ** فیلسوفی *мансуб ба* **файласуф**: **амали файласуфӣ**.

**ФАЙЛАСУФМАОБ** فیلسوف‌مآب он ки дорои гуфтор ва рафтори шабеҳи файласуфон аст, файласуфмонанд.

**ФАЙЛАСУФОНА** فیلسوفانه чун файласуфон, ба

тарзи файласуфон.

**ФАЙСАЛ** *а.* فیصل 1. анҷом додан, қатъ кардан. 2. ҷудо кардани ҳақ аз ботил, ҳукми байни ҳақ ва ботил; қазоват, ҳакамӣ; **файсал ёфтан** ҳал шудан, яктарафа шудан, ба поён расидан; **файсал кардан** яктарафа кардани масъала, ҳаллу фасл кардани мурофиае (коре).

**ФАК(К)** فک 1. ҷудо шудани ду чизи ба ҳам вобаста. 2. ҳар кадом аз устухонҳои ҷоғ, ки дандонҳо ба он пайвастанд; **факки барин** ҷоғи боло; **факки зерин** ҷоғи поён, чона; **факки изофат** *грам.* афтодани изофа, партофтани бандаки изофии «и» (бештар дар шеър ба тақозои вазн); **соҳибхона, соҳибзавқ**. 3. бахши гирандаи абзорҳои дастиву мошинӣ монанди анбӯр, гира *ва г.* 4. ҷудо кардани чизе аз чизи дигар. 5. *кит.* раҳоӣ, озодӣ.

**ФАКОҲАТ** *а.* فکاحت 1. ширингуфторӣ, зарофат. 2. мазоҳ, масхара.

**ФАКС** *англ.* فکس *тех.* василае, ки ба кӯмаки он нусхаи ҳар навъи навишта ё тасвиреро ба таври электронӣ бо кӯмаки хатҳои телефон ирсол ё дарёфт мекунанд; намобар; дурнавис, дурнигор.

**ФАКТ** *лот.* فکت кори дар ҳақиқат воқеъшуда, ҳодисаи воқеӣ, ҳақиқат, амри воқеъ.

**ФАКУЛТА** *фр.* فکلته шӯъбаи мактаби олӣ, ки дар он илмҳои соҳаи муайяне таълим дода мешавад: **факултаи физика, факултаи химия**.

**ФАКУЛТАТИВӢ** فکلتتیوی ғайримаҷбурӣ, ихтиёрӣ; **машғулиятҳои факултативӣ** дарсҳои ғайрирасмӣ ва берун аз нақшаи таълим.

**ФАКУЛТЕТ** *фр.* فکلتیت *ниг.* **факулта**.

**ФАҚАТ** *а.* فقط танҳо; мунҳасиран; бас.

**ФАҚЕҲ** *а.* فقیه донишманди илмҳои шаръӣ; донандаи қонун ва аҳкоми шариати ислом, қонуншиноси шариат.

**ФАҚИР** *а.* فقیر 1. камбағал, бенаво, қашшоқ, тиҳидаст, нодор. 2. аз рӯи хоксорӣ аз тарафи шахси аввал нисбати худ гуфта мешавад, камина; шахси якуми шумораи танҳо.

**ФАҚИРОНА** فقیرانه камбағалона; итоаткорона, хоксорона: **фақирона зиндагӣ кардан**.

**ФАҚИРӢ** فقیری камбағалӣ, нодорӣ, бечизӣ.

**ФАҚОҲАТ** *а.* فقاهت *кит.* фақеҳӣ, фақеҳ будан, олим будан дар қавонини шаръӣ.

**ФАҚР** *а.* فقر *кит.* камбағалӣ; фақирӣ, нодорӣ, тиҳидастӣ.

**ФАЛАК I** *а.* فلک *кит.* 1. осмон, сипеҳр. 2. дар истилоҳи илми нуҷуми қадим ҳар як аз қисмҳои осмон, ки ҷои яке аз сайёраҳост. 3. *маҷ.* қазову қадар, сарнавишт, тақдир, қисмат; **гардиши фалак** гардиши замона, гузашти рӯзгор; тақдир, қисмат; **додаш ба фалак баромад** (печид, расид) сахт ба фиғон омад; **сар ба фалак кашида** … хеле баланд, хеле боло. 4. *маҷ.* улвият ва баландии чизе.

**ФАЛАК II** فلک бахше аз мусиқии мардумӣ ва суннатии халқи тоҷик.

**ФАЛАКВОР** فلکوار *кит.* фалакмонанд, ба сони фалак, чархзанандаву мудаввар.

**ФАЛАКЗАДА** فلکزده *маҷ.* ситамзада, бадбахт, бетолеъ.

**ФАЛАКЗАДАГӢ** فلکزدگی *маҷ.* бадбахтӣ, бетолеӣ.

**ФАЛАКИЁТ** *а.* فلکیات *нуҷ.*, *кҳн.* кайҳоншиносӣ; илми шинохти ситораҳову кайҳон, илми коинотшиносӣ.

**ФАЛАКӢ** فلکی 1. *мансуб ба* **фалак**. 2. сокини фалак, бурҷи фалак; осмонӣ. 3. мусиқӣ ва суруди мардумӣ, фалакхонӣ.

**ФАЛАКМАРТАБА** فلکمرتبه *кит.* баландмартаба, баландпарвоз.

**ФАЛАКПАЙМО** فلکپیما осмоннавард, осмонгард: **киштии фалакпаймо**.

**ФАЛАКПЕЧ** فلکپیچ *маҷ.* ба фалак бароянда, то ба фалак расанда, хеле баланд: **фарёди фалакпеч** фарёди сахт, баланд.

**ФАЛАКПОЯ** فلکپایه *маҷ.* ниҳоят баланд, хеле баланд.

**ФАЛАКСАЙР** فلکسیر 1. зудрав, тезпарвоз. 2. *маҷ.*, *ниг.* фалакпеч.

**ФАЛАКСАРО** فلکسرا сарояндаи сурудҳои фалак, овозхони фалаксаро.

**ФАЛАКСАРОӢ** فلکسرایی кор ва шуғли ҳунарманди фалаксаро.

**ФАЛАКСО(Й)** (فلکسا(ی ба фалак расанда, он чӣ сараш ба фалак расидааст; *киноя аз* бисёр баланд, *ниг.* **фалакпеч**.

**ФАЛАКТАВОН** فلک‌توان *кит.* фалакқувват, фалакнерӯ; *маҷ.* бисёр зӯр, боқувват, тавоно.

**ФАЛАКТОЗ** فلکتاز *кит.* парвозкунанда; баландпарвоз.

**ФАЛАКУЛАФЛОК** *а.* فلک‌الافلاک *нуҷ.* фалаке, ки онро фарогир ва муҳити олами ҷисмонӣ медонистанд; фалаке, ки ҳар шабонарӯз як давр гирди меҳвари худ мегардад ва афлоки дигарро бо худ ҳаракат медиҳад.

**ФАЛАКУЛМУҲИТ** فلک‌المحیط *кит.* фалаки баландтарин, фалаки нӯҳум.

**ФАЛАКФАРСО** فلک‌فرسا *ниг.* фалакпаймо. 2. *маҷ.* олиқадр.

**ФАЛАКХОН** فلک‌خوان *ниг.* **фалаксаро**.

**ФАЛАКХОНӢ** فلک‌خوانی *ниг.* **фалаксарой**.

**ФАЛАҚ** I *а.* فلق *кит.* сапеда, сапедадам, субҳдам.

**ФАЛАҚ** II *а.* فلق *кҳн.* олати ҷазодиҳӣ дар мактабҳои кӯҳна, ки ба чӯбе пои гунаҳгорро баста, аз ду тараф мебардоштанд ва мактабдор ё халифаи мактаб ба кафи пои ӯ чӯб мезад.

**ФАЛАРЗ** فلرز *ниг.* **фаларзанг**.

**ФАЛАРЗАНГ** فلرزنگ *кит.* хӯроке, ки аз тӯй ва ё меҳмонӣ бо худ мебаранд.

**ФАЛАХМОН** فلخمان олати сангандозӣ, ки аз ресмони тобдода иборат буд ва бо он санг меандохтанд; фалохан.

**ФАЛАҶ** *а.* فلج 1. аз кор мондани дасту по дар натиҷаи беморӣ, шалӣ. 2. одами гирифтор ба фалаҷ, шал; **фалаҷ шудан** аз кор мондани дасту по ё қисме аз бадан, шал шудан.

**ФАЛАҶЗАДА** فلج‌زده бемори фалаҷ, он ки гирифтори фалаҷ гардидааст.

**ФАЛАҶӢ** فلجی *ниг.* **фалаҷзада**.

**ФАЛАҶШАВӢ** فلج‌شوی фалаҷ шудан, ҳангоми гирифторӣ ва бемории фалаҷ.

**ФАЛАҶШУДА** فلج شده *ниг.* **фалаҷ** 2.

**ФАЛЕВ** فلیو *кит.* 1. беҳуда, бефоида. 2. аҳмақ.

**ФАЛЛА** *а.* فلّه шири аввали ҳайвони навзоида (гов, гӯсфанд), ки чун ба оташ гузоранд, зуд баста мешавад.

**ФАЛҒАНД** فلغند *кит.* похсаи девор, похсадевор.

**ФАЛҚ** *а.* فلق *кит.* шикоф, шикофтан; **замин фалқ кардан** замин шудгор кардан, замин гардондан.

**ФАЛМОХАН** فلماخن *ниг.* **фалахмон**.

**ФАЛЛОҲ** *а.* فلاح *кит.* 1. деҳқон, барзгар, кишоварз. 2. киштибон. 3. кироядиҳандаи шутурон.

**ФАЛОД** فلاد *кит., ниг.* **фалода**.

**ФАЛОДА** فلاده *кит.* бефоида, беҳуда.

**ФАЛЛОҚ** *а.* فلاق *ниг.* **фалақ** II.

**ФАЛОКАТ** *а.* فلاکت накбат, бадбахтӣ, ҳодисаи шуми накбатовар; бало, мусибат, фалакзадагӣ; **фалокат рӯй додан** воқеъ шудани ягон ҳодисаи бадбахтона.

**ФАЛОКАТБОР** فلاکت‌بار пур аз бадбахтӣ ва накбат; бадбахтиовар, он чи ки фалокат меоварад.

**ФАЛОКАТЗАДА** فلاکت‌زده ба бадбахтӣ дучор гардида, шумтолеъ.

**ФАЛОКАТӢ** فلاکتی бадбахт, фалокатзада, ба фоҷиа дучоршуда.

**ФАЛОКАТОВАР** فلاکت‌آور он чи боиси бадбахтӣ, сиёҳрӯзгорӣ, бало ва мусибат аст.

**ФАЛОКАТОМЕЗ** فلاکت‌آمیز пур аз фалокату бадбахтӣ ва накбат, манҳус, фалокатбор.

**ФАЛОКАТОФАР** فلاکت‌آفر 1. он ки ва он чи сабаби пайдоиши фалокат мегардад. 2. *маҷ.* шахси наҳс ва бадбахт, шумқадам.

**ФАЛОН** فلان *ҷонишини номуайянӣ*, шахс ё чизи номаълум ва номуайян, фалон шахси ғоиб; **фалону бисмадон** фалонӣ ва фалонӣ (*шахс ва ё чизи ноаниқ, маҷҳул ва номуайян*).

**ФАЛОНАК** فلانک *шакли тасғири* **фалон**, ишора ба шахс ё чизе, ки ночиз менамояд.

**ФАЛОНӢ** فلانی он шахси номаълум, касе, шахсе.

**ФАЛОСАНГ** فلا سنگ *ниг.* фалахмон.

**ФАЛОСИФА** *а.* فلاسفه *ҷ.* **файласуф**.

**ФАЛОТ** *а.* فلات саҳро, биёбон.

**ФАЛОТУНСИРАТ** فلاطونسیرت *кит.* он ки ботину андешааш ба Афлотун монанд аст, афлотунниҳод.

**ФАЛОТУНҲИКМАТ** فلاطونحکمت *кит.* бо ақлу хиради афлотунӣ, афлотунхирад.

**ФАЛОХАН//ФАЛОХУН** فلاخن *ниг.* **фалахмон**.

**ФАЛОҲ** *а.* فلاح *кит.* наҷот, растагорӣ, комёбӣ, некӯаҳволӣ, салоҳи ҳол, хайрият ва офиятмандӣ.

**ФАЛОҲАТ** *а.* فلاحت *кит.* 1. кишоварзӣ, деҳқонӣ, барзгарӣ. 2. чарбзабонӣ ва фиреб дар хариду фурӯш.

**ФАЛОҲАТӢ** فلاحتی 1. он чи марбут ба кишоварзӣ аст. 2 кишоварз, деҳқон.

**ФАЛОҶАРАМ** *а.* فلاجرم *кит.* пас бинобар ин, пас аз ин сабаб; пас.

**ФАЛС** *а.* فلس 1. сиккаи мисӣ, пули сиёҳ. 2. пулакчаи моҳӣ.

**ФАЛСАФА** *ю.* فلسفه 1. илм дар бораи умумитарин қонунҳои рушду инкишофи табиат, ҷамъият ва тафаккур; илме, ки аз мабдаъҳо ва ҳақиқати ашё ва сабаби мавҷудияти онҳо баҳс мекунад; философия. 2. *киноя аз* мулоҳизаронииҳои муҷарради ғайриамалӣ.

**ФАЛСАФАБОФ** فلسفه‌باف он ки суханҳои берабт ва бемантиқи дур аз зеҳният мегӯяд.

**ФАЛСАФАБОФӢ** فلسفه‌بافی бо суханпарозиҳои берабт ва бемантиқ машғул будан.

**ФАЛСАФАВӢ** فلسفوی *марбут ба* **фалсафа**.

**ФАЛСАФАДОН** فلسفه‌دان файласуф, олими фалсафа.

**ФАЛСАФАРОНӢ** فلسفه‌رانی 1. машғул будан бо муҳокимаҳои фалсафӣ. 2. *маҷ., ниг.* фалсафабофӣ.

**ФАЛСАФАФУРӮШӢ** فلسفه‌فروشی *ниг.* **фалсафабофӣ**.

**ФАЛСАФИЁТ** *а.* فلسفیات 1. *ҷ.* **фалсафа**. 2. *ниг.* **фалсафабофӣ**.

**ФАЛСАФӢ** فلسفی 1. *мансуб ба* **фалсафа**. 2. файласуф.

**ФАЛХАМ** فلخم олати ҳаллоҷии камоншакл, олати пунбатозакунӣ, асбоби пахтатозакунӣ.

**ФАЛХАМДОР** فلخم‌دار он ки бо фалхам пахта тоза мекунад, ҳаллоҷ.

**ФАЛХАМДОРӢ** فلخم‌داری амалу шуғли фалхамдор.

**ФАЛҶ** فلج *кит.* фалҷам, ғалақаи дар, занҷири дар.

**ФАМ** *а.* فم даҳон.

**ФАММУЛАСАД** *а.* فم‌الاسد 1. *кит.* даҳани шер. 2. *маҷ.* ҷои хатарнок.

**ФАН(Н)** *а.* فن 1. фиреб, макр; ҳила ва найранг, бозӣ, найрангбозӣ. 2. ҳунар, касб, пеша. 3. илм, соҳае аз илм; бештар илмҳои техникӣ; **илму фан** илму техника.

**ФАНАК** فنک *кит.* дала, гурбаи саҳроӣ, гурбаи ёбоӣ, ки мӯяш сафед буда, аз он пӯстин месозанд.

**ФАНАКПӮШ** فنک‌پوش *кит.* пӯшандаи пӯстине, ки аз пӯсти фанак дӯхта шудааст.

**ФАНАН** *а.* فنن *кит.* шохи дарахт.

**ФАНД** فند макру ҳила; найранг, фиреб: **фанд додан** фиреб додан; **фанд хӯрдан** фиреб хӯрдан; фирефта шудан, ба доми фиреби касе афтодан.

**ФАНДХӮРӢ** فندخوری фиребхӯрӣ, фирефта шудан, ба доми макр гирифтор шудан.

**ФАНЕР** *олм.* فنیر тахтаи тунуке, ки аз часпонидани чанд қабат варақаи тунук ҳосил мешавад, сепӯст.

**ФАНЕРӢ** فنیری аз фанертахта сохташуда: **тавораи фанерӣ**.

**ФАНЕРТАХТА** فنیرتخته тахтаи тунук, ки бештар ба сақфи хонаҳо зада мешавад.

**ФАНО** *а.* فنا нест шудан, нестӣ, завол, нобудӣ; **фано гаштан (шудан)** несту нобуд гардидан, завол ёфтан; **ба боди фано рафтан** несту нобуд шудан, беҳуда нобуд шудан.

**ФАНОНАШАВАНДА** فنانشونده нестинопазир, мондагор, абадӣ.

**ФАНОНОПАЗИР** فناناپذیر *ниг.* **фанонашаванда**.

**ФАНОНОПАЗИРӢ** فناناپذیری нестнопазирӣ, мондагорӣ, абадият, фанонашавандагӣ.

**ФАНОПАЗИР** فناپذیر нестшаванда, рафтагор, маргпазир, фаношаванда.

**ФАНОПАЗИРӢ** فناپذیری нестшавандагӣ, рафтагорӣ, маргпазирӣ, фаношавандагӣ.

**ФАНОХОНА** فناخانه *киноя аз* **дунё**.

**ФАНОШАВАНДА** فناشونده *ниг.* **фанопазир**.

**ФАНОШАВӢ** فناشوی *ниг.* **фанопазирӣ**.

**ФАНТАСТИКА** *фр.* فنتستیکه 1. чизи аҷибу ғарибе, ки маҳсули тасаввуроти беасос мебошад. 2. асари бадеӣ дар мавзӯи фантастикӣ.

**ФАНТАСТИКӢ** فنتستیکی монанд ба фантазия, маҳсули тасаввуроти ғайривоқеӣ, аҷибу ғариб: **мавзӯи фантастикӣ**, **филми фантастикӣ**.

**ФАНФУРӮШ** فنفروش *кит.* нишондиҳандаи илму фан; ҳилагар, фиребгар, маккор.

**ФАНШИНОС** فن شناس олим ва донишманд дар риштае аз улуми техникӣ.

**ФАНШИНОСӢ** فنشناسی шуғлу амали фаншинос.

**ФАР(Р)** فر 1. нур, дурахш, рахшандагӣ. 2. зебоӣ, ҳусн, барозандагӣ. 3. шаън, шавкат, дабдаба; **карру фар** шаъну шавкат, тавоноию ҳашамат.

**ФАРА** فره *ниг.* **фараҳ** II.

**ФАРАЗАН** فرضاً аз рӯи фараз (фарз), аз рӯи тахмин, ба таври гумон ва қиёс; тахминан; **фаразан гӯем, ки** ..., гирем, ки ... пиндорем, ки ...

**ФАРАМ** فرم дилтангӣ ва фурӯмондагӣ дар ғам; ғаму андӯҳ.

**ФАРАНГ** فرنگ 1. Фарангистон (аз номи Франсия), Аврупо; *мансуб ба* **Фарангистон**, фарангӣ. 2. навъе аз матои абрешимӣ; **даҳани фаранг** купороси мис.

**ФАРАНГИЗОДА** فرنگی زاده аврупоизод.

**ФАРАНГИМАОБ** فرنگی‌مآب фарангихислат, фарангихӯ, фарангисифат.

**ФАРАНГИТАЛЪАТ** فرنگی‌طلعت *мач.* сафедгуна, сафедчеҳра.

**ФАРАНГӢ** فرنگی 1. *мансуб ба* **Фаранг**. 2. навъе аз матои абрешимӣ; **рӯймоли фарангӣ** сарбанди занона аз матои абрешимии фарангӣ.

**ФАРАНҶИНОК** فرنجی‌ناک зане, ки ба сар фаранҷӣ дорад, фаранҷипӯш.

**ФАРАНҶИПӮШ** فرنجی‌پوش зане, ки фаранҷӣ дар сар дорад.

**ФАРАНҶИПӮШӢ** فرنجی‌پوشی амали фаранҷипӯш.

**ФАРАНҶӢ** فرنجی чодари махсусе, ки занони муслима дар сар мекунанд.

**ФАРАНҶМУШК** فرنجمشک як навъ гиёҳ.

**ФАРАСБ** *а.* فرسب *кит.*, *ниг.* **фарасп**.

**ФАРАСНИҲОДА** فرس‌نهاده *кит., варз.* мағлубшуда, оҷиз гардида (*дар бозии шатранҷ*).

**ФАРАСП** فرسب чӯби дарози болорбоб; шоҳпул, шоҳтир, болори хона.

**ФАРАХША** فرخشه *хӯр.* навъе аз нонҳои варақин, кулчаи равғанини варақини лавзинадор.

**ФАРАҲ** I *а.* فرح шод шудан, хурсанд гардидан; шодӣ, сурур, хурсандӣ.

**ФАРАҲ** II **//ФАРА//ФАРЕҲ//ФИРЕҲ** فره *кит.* 1. афзунӣ, фарвонӣ. 2. фирӯзӣ, ғалаба, пешӣ, сабқат, бартарӣ; **фирез бурдан** пешӣ намудан, бартарӣ нишон додан. 3. бисёр фаровон афзун, зиёда. 4. афзал, хубтар, олӣ. 5. фарох. 6. ширин. 7. сабаб, боис.

**ФАРАҲАНГЕЗ** فرح‌انگیز шодибахш, масаррат-овар, хушҳолкунанда, сурурбахш, хурсандиовар.

**ФАРҲАНГЕЗӢ** فرح‌انگیزی шодиангезӣ, сурурбахшӣ.

**ФАРАҲАФЗО** فرح‌افزا он чи шодиро зиёд кунад, он чи бар сурур биафзояд.

**ФАРАҲАФЗОӢ** فرح‌افزای шодиафзоӣ, фузудани сурур.

**ФАРАҲБАХШ** فرح بخش *ниг.* **фараҳангез**.

**ФАРАҲБАХШӢ** فرح بخشی *ниг.* **фараҳангезӣ**.

**ФАРАҲЗО** فرحزا *ниг.* **фараҳбахш**.

**ФАРАҲМАНД** فرحمند хушҳол, хурсанд, шод,

масрур.

**ФАРАҲМАНДӢ** فرحمندی хушҳолӣ, шоддилӣ, хурсандӣ, сурур, нишот, шодмонӣ

**ФАРАҲМАНДОНА** فرحمندانه бо хушҳолӣ, бо сурур, шодон, хуррам, хушҳолона, масрурона.

**ФАРАҲНОК** فرحناک хурсанд, шод, хушҳол, масрур, сурурманд.

**ФАРАҲОВАР** فرح‌آور *ниг.* **фараҳбахш**.

**ФАРАҲФИЗО** فرح‌فزا *ниг.* **фараҳафзо**.

**ФАРАҶ** *а.* فرج 1. кушоиш, кушоиши кор ва аҳвол. 2. раҳоӣ ва халосӣ аз сахтӣ ва ғам; осоиш.

**ФАРАҶӢ** فرجی *кит.* либоси боло ҳамчун яктак.

**ФАРБЕҲ** فربه сергӯшт, серравған, ғафсбадан; *муқоб.* **лоғар**.

**ФАРБЕҲӢ** فربهی сергӯштӣ, серравғанӣ; *муқоб.* **лоғарӣ**.

**ФАРБЕҲТАН** فربه‌تن фарбеҳ, сергӯшту серравған, ғафс ва захим.

**ФАРБӢ** فربی *шакли дигари* **фарбеҳ**.

**ФАРВАДИН** فرودین *шакли кӯтоҳшудаи* **фарвардин**.

**ФАРВАЗ** فروز фаровез.

**ФАРВАРДИН** فروردین моҳи якуми соли шамсӣ, ки ба 21 март - 20 апрел рост меояд, моҳи аввали баҳор.

**ФАРВИЗ** فرویز *ниг.* **фарваз**.

**ФАРВОР** فروار хонаи тобистонӣ, болохона.

**ФАРҒАНД** فرغند печак, гиёҳест печанда, ки ба ниҳолон ва сабзавот печида онҳоро хушк мекунад, зарпечак.

**ФАРҒАР** فرغر 1. селроҳа ё ҷӯе, ки оби он дар як ҷо каме ҷамъ шудааст. 2. ҷӯи майда, ки аз дарё ҷудо мешавад.

**ФАРҒАРДАН** فرغردن *кит.* тар кардан, оғушта кардан; ба ҳам сириштан.

**ФАРҒЕШ** فرغیش ҷомаи кӯҳна, пӯстини кӯҳнаи чиркини дарида.

**ФАРД** *а.* فرد 1. якка, танҳо. 2. ягона, беҳамто, бемисл. 3. *адш.* як байти ҷудо, байти мумтоз; **фард будан** (**дар коре**) бемисл будан, мислу ҳамто надоштан. 4. ҷудо, дур аз касе ё чизе. **фард-фард** як-як, ҷудо-ҷудо, танҳо-танҳо, ягон-ягон.

**ФАРДАН** *а.* فرداً **:фардан-ваҳидан** ба таври якка ва ягона, ба таври танҳо.

**ФАРДАРА** فردره чӯбе, ки дар паси дарвоза барои сахт баста будани он гузоранд, танба.

**ФАРДАРӢ** فردری *ниг.* **фардара.**

**ФАРДБАЙТ** فردبیت *ниг.* **фард** 3.

**ФАРДИЯТ** *а.* فردیت 1. яктоӣ, ягонагӣ. 2. *адш.* хусусият ва рӯҳияи фардӣ, ки шахсеро аз дигаре фарқ мекунонад.

**ФАРДӢ** فردی *мансуб ба* **фард**; танҳоӣ, ягонагӣ.

**ФАРДНАВО** فردنوا касе, ки танҳо менавозад ва эҳтиёҷ ба ёридиҳандаи дигаре надорад, ҳофизи яккахон**.**

**ФАРДО** فردا 1. пагоҳ, рӯзи оянда, рӯзи баъди имрӯз. 2. оянда, мустақбал; **пагоҳ – фардо** ба қарибӣ, анқариб, дарояндаи наздик. 3. *маҷ.* растохез, қиёмат.

**ФАРДОИНА** فردوینه *мансуб ба* **фардо**; рӯзи дигар, рӯзи оянда.

**ФАРДРАВ** فردرو он ки танҳо меравад ва мӯҳтоҷи ҳамроҳ ва раҳбар нест, яккарав; солики муҷаррад (*дар тасаввуф*).

**ФАРЕШ** فریش *кит.* тохтутоз, тороҷ, яғмо, ғорат.

**ФАРЁД** فریاد овози баланд, бонг, наъра; ёрӣ хостан бо овози баланд, додгӯӣ бо овози баланд; **фарёд задан** *маҷ.* бонг бардоштан, дод задан, оҳу фиғон кардан; **фарёд кардан** а) бо овози баланд бонг бардоштан; оҳу фиғон кардан; б) овоз додан (касеро); **ба фарёди** *касе* **расидан** ба имдоди касе расидан, дармондаеро ёрӣ додан.

**ФАРЁДЗАН** فریادزن он ки фарёд мезанад, додхоҳ, доду фиғонкунанда.

**ФАРЁДЗАНОН** فریادزنان дар ҳоли фарёдзанӣ, фарёдкунон.

**ФАРЁДКАШОН** فریادکشان *ниг.* **фарёдкунон**.

**ФАРЁДКУН** فریادکن 1. *ниг.* **фарёдзан.** 2. *маҷ.* аҳли доду бедод, он ки доим мағал мекунад.

**ФАРЁДКУНОН** فریادکنان *ниг.* **фарёдзанон**.

**ФАРЁДНОМА** فریادنامه *кит.* номаи доду бедод, номае, ки дар он аз касе ёриву кӯмак хоҳанд.

**ФАРЁДРАС** فریادرس ба доди касе расанда, ёридиҳанда; имдодгар, мададгор, дастгирикунанда.

**ФАРЁДРАСӢ** فریادرسی ёрӣ, мадад, дастгирӣ.

**ФАРЁДХОҲ** فریادخواه *маҷ.* додхоҳ, мададхоҳ, имдодталаб.

**ФАРЁДХОҲӢ** فریادخواهی талабу дархости ёрмандӣ кардан, додхоҳӣ, ёрихоҳӣ.

**ФАРЗ** I *а.* فرض 1. *д.* аҳкоми дини ислом, ки иҷрояш ба ҳар як мусулмон ҳатмист. 2. ҳар чизи (вазифаи) иҷрояш зарур, ҳатмӣ.

**ФАРЗ** II *а.* فرض пиндошт, тасаввур; гумон, тахмин; **фарз кардан** пиндоштан, тасаввур кардан, тахмин кардан.

**ФАРЗ** III *а.* فرز замини ҳамвори паст, ҳамвории байни ду кӯҳ.

**ФАРЗ** IV *а.* فرز роҳ бар пушта, *ҷ.* **афроз**.

**ФАРЗАН** *а.* فرضاً ба таври тахминӣ, аз рӯи тасаввур ва пиндор, тахминан, эҳтимолан.

**ФАРЗАНД** فرزند писар ё духтар нисбат ба падару модар, валад, зода; **фарзанд дидан** фарзандор шудан, соҳиби фарзанд гардидан.

**ФАРЗАНДБЕЗОР** فرزندبیزار **:зан ё марди фарзандбезор** зан ё марде, ки фарзанд доштан намехоҳад ё аз фарзанди худ рӯй метобад.

**ФАРЗАНДВОР** فرزندوار чун фарзанд, ба мисли фарзанди худ.

**ФАРЗАНДДОР** فرزندار соҳиби фарзанд, зану марде, ки аз онҳо фарзанд ба дунё омадааст.

**ФАРЗАНДДОРӢ** فرزندداری доштани фарзанд, насл ва авлод.

**ФАРЗАНДДӮСТ** فرزنددوست он, ки ба фарзанд муҳаббат дорад, хоҳони авлод.

**ФАРЗАНДДӮСТӢ** فرزنددوستی дӯст доштани фарзанд.

**ФАРЗАНДӢ** فرزندی *мансуб ба* **фарзанд**; **меҳри фарзандӣ** меҳри падару модар ва фарзанд нисбат ба якдигар.

**ФАРЗАНДТАЛАБ** فرزندطلب он ки фарзанддор шудан мехоҳад.

**ФАРЗАНДХОНДА** فرزندخوانده фарзандандар, шахси ба фарзандӣ қабулшуда.

**ФАРЗАНДХОНӢ** فرزندخوانی бачаи касро ба фарзандии худ қабул кардан.

**ФАРЗИЁТ** فرضیات маҷмӯи он чи фарз ва тахмин карда мешавад, гипотеза.

**ФАРЗИН** فرزین яке аз мӯҳраҳои асосии шатранҷ, мӯҳраи муҳим баъд аз шоҳ, вазир, ферз.

**ФАРЗИНБАНД** فرزین‌بند *кит.* навъе аз равишҳои бозии шатранҷ, ки ҳимояро хеле қавӣ мегардонад.

**ФАРЗИНВАШ** فرزین‌وش *кит.* фарзинрух, фарзинмонанд.

**ФАРЗИЯ** *а.* فرضیه ҳадс ва тахмине, ки вақти таҳлили илмӣ барои шарҳ ва эзоҳи ягон ҳодиса оварда мешавад, пиндор, гипотеза.

**ФАРЗӢ** فرضی 1. зарурӣ, ҳатмӣ. 2. тахминӣ, эҳтимолӣ.

**ФАРЗОМ** فرزام сазовор, шоиста, лоиқ.

**ФАРЗОН** فرزان оқил, донишманд, ҳаким.

**ФАРЗОНА** فرزانه *ниг.* **фарзон**.

**ФАРЗОНАГӢ** فرزانگی оқилӣ, донишмандӣ.

**ФАРИД** *а.* فرید ягона, якто, бемисл, бемонанд; **фариди аср** дар замони худ беҳамто.

**ФАРИЗА** *а.* فریضه 1. *д.* супориш ва вазифаҳои фармудаи Худо, ки иҷрои он фарз ва ҳатмӣ аст, ҳамчун намоз, рӯза *ва г.* 2. он чи иҷрояш воҷиб ва ҳатмист, вазифаи ҳатмӣ.

**ФАРИҚ** *а.* فریق 1. ҷамоате аз мардум, тоифа; гурӯҳ, тӯда. 2. қисм, ҳисса, гурӯҳ.

**ФАРИШТА** فرشته 1. *д.* мавҷуди малакутӣ, ки оқилтар ва бартар аз инсон аст, малак. 2. *маҷ.* беайбу нуқсон, зебо; **худро фаришта тарошидан** худро бе айбу нуқсон вонамуд кардан, худро поку тақводор нишон додан.

**ФАРИШТАНИҲОД** فرشته‌نهاد он ки ниҳод ва ботини комилу болиғ дорад, накӯхӯй.

**ФАРИШТАХИСОЛ** فرشته‌خصال *ниг.* **фариштаниҳод**.

**ФАРИШТАХӮ** فرشته‌خو *ниг.* **фариштаниҳод**.

**ФАРӢ** فری *кит.* 1. офарин, зиҳӣ. 2. писандида, некӯ. 3. хуб, дуруст.

**ФАРКАН** فرکن *кит.* 1. селроҳае, ки дар он оби сел ҷамъ шуда бошад, гузари об, ҷӯи об; селоб. 2. он чи бо гузашти замон фартут шуда фурӯ рехта бошад, хароб, вайрон.

**ФАРКАНД** فرکند *ниг.* **фаркан**.

**ФАРҚ** I فرق *бот.* дарахти клён, ки баргҳояш паҳни зебост.

**ФАРҚ** II *а.* فرق 1. ҷудо кардани ду чиз аз ҳамдигар, имтиёзи чизе ва ҳаммонанди худ; номонандии ду чиз аз ҳам, тамоиз миёни ду кас ё ду чиз; тафовут; **фарқ доштан** тафовут доштан, мутамайиз будан; **фарқ кардан** а) тафовут доштан; б) тамйиз миёни ду кас ё ду чиз, чизеро аз чизе ҷудо кардан, ташхис додан. 2. *маҷ.* тори сар, торак, болои сар. 3. васат, нӯк ва болои (теппаи) ҳар чиз; **фарқи сар** тори сар. 4. хати рост, ки бар асари шона задани мӯи сар дар он пайдо мешавад.

**ФАРҚ** III *а.* فرق 1. сапедадам, субҳ; сапедии аввали субҳ. **2.** паймона, қадаҳ

**ФАРҚИЯТ** *а.* فرقیت тамйиз, ҷудоӣ миёни ду чиз.

**ФАРҚКУНАНДА** فرق‌کننده тамйиздиҳанда, ҷудокунанда, мумаййиз.

**ФАРҚНОК** فرقناک мутафовит, касе ё чизе, ки аз дигаре тавофут дошта бошад.

**ФАРҚПАЗИР** فرق پذیر он ки ва он чи қобили тамйииз бошад, пазирои фарқ.

**ФАРМАКОЛОГИЯ** *ю.* فرمکالاگیه *ниг.* **дорушиносӣ**.

**ФАРМАНД** فرمند бо фар(р), бошукӯҳ, шукӯҳманд.

**ФАРМОИШ** فرمایش *исми феълӣ аз* **фармудан** амр, фармон, ҳукм; сухан ё фармудаи одами бузург.

**ФАРМОИШГАР** فرمایشگر фармоишдиҳанда, амрдиҳанда, ҳукмдиҳанда.

**ФАРМО(Й)** (فرما(ی *асоси замони ҳозира аз* **фармудан**.

**ФАРМОН** فرمان амр, ҳукм, ҳукме, ки аз тарафи идораи олӣ ё шахси воломақоме содир мешавад; **фармон додан** ҳукм кардан, ҳукм содир намудан, ба каси дигар кореро ба таври ҳукм фармудан.

**ФАРМОНБАР** فرمانبر он ки фармудаи аз худ бузургтареро иҷро мекунад; мутеъ, итоаткор.

**ФАРМОНБАРДОР** فرمانبردار *ниг.* **фармонбар**.

**ФАРМОНБАРДОРӢ** فرمانبرداری итоат, мутеъ будан, тобеӣ, тобеият.

**ФАРМОНБАРДОРОНА** فرمانبردارانه мутеона, итоаткорона, бегуфтугӯ ва бечуну чаро иҷро кардани коре.

**ФАРМОНБАРӢ** فرمانبری фармонбардорӣ, мутеӣ, маҳкумӣ.

**ФАРМОНГУЗОР** I فرمانگذار 1. фармондеҳ. 2. фармондиҳанда, амрдиҳанда; *маҷ.* Худо.

**ФАРМОНГУЗОР** II فرمانگذار *кит.* он ки ба фармони касе итоат кунад, фармонбардор, мутеъ.

**ФАРМОНДЕҲ** فرمانده 1. он ки фармон медиҳад, он ки дар коре омир ва ҳукмкунанда аст. 2. соҳибмансаби ҳарбӣ, командир.

**ФАРМОНДЕҲӢ** فرماندهی 1. фармон содир кардан; амал ва кори фармондеҳ. 2. ҳайате, ё касе, ки дар сари лашкар истодааст; **фармондеҳӣ кардан** фармон додан, ба лашкар ё гурӯҳи маълуми аскарон роҳбарӣ намудан.

**ФАРМОНДОР** فرماندار ҳоким, ҳукмрон.

**ФАРМОНПАЗИР** فرمانپذیر он ки фармонро қабул дорад; *ниг.* **фармонбар**.

**ФАРМОНПАЗИРӢ** فرمانپذیری *ниг.* **фармонбарӣ**.

**ФАРМОНРАВО** فرمانروا касе, ки иҷрои фармонаш ҳатмӣ бошад, он ки ҳукмаш дар ҳама ҷо мегузарад.

**ФАРМОНРАВОӢ** فرمانروایی *маҷ.* ҳукуматдорӣ, ҳукмронӣ.

**ФАРМОНФАРМО** فرمانفرما фармондиҳанда, ҳукмдор, ҳукмфармо.

**ФАРМОНФАРМОӢ** فرمانفرمایی ҳукмронӣ, фармонравоӣ.

**ФАРМОНШИКАН** فرمانشکن он ки сар аз фармону итоат мепечад, нофармонбар.

**ФАРМОНШИКАНӢ** فرمانشکنی нофармонбарӣ, сарпечӣ.

**ФАРМОЯНДА** فرماینده он ки фармон ё амр медиҳад, фармондиҳанда, амркунанда.

**фармуд** فرمود *асоси замони гузашта аз* **фармудан**.

**ФАРМУД** فرمود фармоиш, супориш, амр.

**ФАРМУДА** فرموده фармон, дастур, супориш.

**ФАРМУДАН** فرمودن 1. амр додан, фармон додан, ҳукм кардан, дастур додан. 2. гуфтан (*аз рӯи ҳурмат нисбат ба сухани каси бузургвор гуфта мешавад*). 3. супориш додан. 4. феъли ёридиҳанда дар феълҳои таркибии номӣ; **кор фармудан** ба кор бурдан, истеъмол намудан.

**ФАРМУШ** فرمش *ниг.* **фаромӯш**.

**ФАРМУШӢ** فرمشی *ниг.* **фаромӯшӣ**.

**ФАРМӮШ** فرموش *ниг.* **фаромӯш**.

**ФАРМӮШӢ** فرموشی *ниг.* **фаромӯшӣ**.

**ФАРМӮШКОР** فرموشکار *кит. шакли кӯтоҳшудаи* **фаромӯшкор**.

**ФАРМӮШКОРӢ** فرموشکاری *кит. шакли кӯтоҳшудаи* **фаромӯшкорӣ**.

**ФАРНАБЕРА** فرنبیره фарзанди абера, чабера.

**ФАРНОД** فرناد *кит.* гузар, гузаргоҳи дарё, ҷои камоб, ки аз он ҷо пиёда гузаштан мумкин аст, пойоб.

**ФАРНОС** فرناس *кит.* ғофил, нодон; коҳил.

**ФАРО** فرا *пешоянд* 1. ба; дар; ба даруни... 2. ба назди…, пеши…, назди…; **фаротар** а) болотар; (аз ин) зиёдтар; б) дуртар; **фаро кардан** а) наздик бурдан, расондан, фурӯ оврардан; б) равон кардан, фиристодан; **фаро гирифтан** дар бар гирифтан, иҳота кардан, ишғол намудан; **фаро расидан** наздик омадан, ба пеши касе, чизе омадан **фаро рафтан** а) пеши касе рафтан, назди касе омадан; б) баромадан, ба боло рафтан. 3. *ҷузъи аввали баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* дуртар, болотар; фаросавтӣ, фаросадо, фарозаминӣ. 4. *ҷузъи аввали баъзе феълҳо ба маънои* ба, бар, болои фаро хестан, фаро рафтан, фаровардан *ва г.*

**ФАРОВАРД** فراورد 1. анҷом; **дар фароварди сухан** дар хотимаи сухан. 2. *асоси замони гузашта аз* **фаровардан**.

**ФАРОВАРДАН** فراوردن 1. фуровардан, аз боло ба поин овардан, поин овардан. 2. *маҷ.* мушт ё силӣ задан, сахт задан; **гардан фаровардан** итоат кардан, тан додан, таслим шудан, розӣ шудан.

**ФАРОВЕЗ** فراویز 1. ҳиҷоби либос, пардаи либос, аз миён пойини курта. 2. *маҷ.* шарму ҳаё, **шахси бефаровез** бешарму ҳаё. **3.** ҳошия, канора, зеҳе, ки ба бар ва домани ҷома дӯхта мешавад; **даҳони бефаровез** пургӯӣ, бемулоҳиза сухан гуфтан.

**ФАРОВЕЗДОР** فراویزدار 1. куртаи дароз. 2. бешарм, боҳаё, шармгин.

**ФАРОВОН** فراوان бисёр, зиёд, серҳосил, афзун; **фаровон шудан** афзун шудан, зиёд шудан.

**ФАРОВОНӢ** فراوانی серобӣ; серию пурӣ, бисёрӣ, афзунӣ, серҳосилӣ.

**ФАРОВОНСУХАН** فراوان سخن бисёргӯй, пургӯй, сергап.

**ФАРОВОНҲОСИЛ** فراوانحاصل серҳосил, пурмаҳсул, зиёд ҳосилдиҳанда.

**ФАРОВОНҲОСИЛӢ** فراوان حاصلی зиёд шудани ҳосил, серҳосилӣ.

**ФАРОВОНШИКЕБ** فراوانشکیب *кит.* бисёр шикебо, бисёр сабркунанда, бурдбор, сабур.

**ФАРОГИР** فراگیر дарбаргиранда, шомил, фарогиранда, муҳиб.

**ФАРОГИРАНДА** فراگیرنده *ниг.* **фарогир**.

**ФАРОГИРӢ** فراگیری дар бар гирифтан, иҳота кардан, дарбаргирӣ; омӯзиш; ёдгирӣ чизеро.

**ФАРОҒ** *а.* فراغ 1. осуда шудан, роҳат шудан (аз коре); осоиш, роҳат, оромӣ; **дар фароғати кор** ҳангоми холӣ будан аз кор, баъди кор. 2. озод шудан аз қайди чизе, фориғ шудан.

**ФАРОҒАТ** *а.* فراغت осудагӣ, роҳат, оромӣ, осоиш, истироҳат.

**ФАРОҒАТБАХШ** فراغتبخش оромиовар, осоишбахш, оромиш, роҳатбахш, роҳатовар.

**ФАРОҒАТГОҲ** فراغتگاه осоишгоҳ, истироҳатгоҳ.

**ФАРОҒАТХОНА** فراغتخانه хилватхона, шаб-

истон; ишратхона.

**ФАРОҒБОЛ** فراغبال он ки бе ташвиш зиндагӣ мекунад, осудахотир, фориғбол.

**ФАРОЗ** فراز боло, баланд, баландӣ; *муқоб.* **нишеб**; **фарозу нишеб** баландию пастӣ, баланду паст, болову поин.

**ФАРОЗӢ** فرازی баландӣ, иртифоъ; *муқоб.* **нишебӣ**.

**ФАРОЗАНДА** فرازنده 1. баланд бардоранда. 2. барозанда, лоиқ, сазовор, шоиста.

**ФАРОЗИДАН** فرازیدن баланд бардоштан; **гардан фарозидан** сар баланд кардан; *мац.* ифтихор намудан, фахр кардан.

**ФАРОЗӢ** فرازی баландӣ, ҷои баланд.

**ФАРОЗМАНД** فرازمند 1. боло, баланд, рафеъ. 2. *мац.* баландмақом, воломартаба.

**ФАРОЗСАНҶ** فرازسنج олати махсус барои андоза кардани баландӣ; иртифоъсанҷ.

**ФАРОИЗ** *а.* فرائض *ҷ.* **фариза**.

**ФАРОМАДАН** فرامدن фурӯ омадан, поин шудан.

**ФАРОМАДГОҲ** فرامدگاه ҷои фаромад(ан), манзили нузул.

**ФАРОМАРЗӢ** فرامرزی он чи марбут ба хориҷ аз марзҳои як кишвар аст, бурунмарзӣ.

**ФАРОМУШТ** فرامشت *ниг.* **фаромӯш**.

**ФАРОМУШТӢ** فرامشتی *ниг.* **фаромӯшӣ**.

**ФАРОМӮШ** فراموش аз ёд рафта, аз хотир баромада, чизе ки аз ёд рафтааст; **фаромӯш кардан** аз ёд баровардан, дар хотир надоштан; **фаромӯш шудан** аз ёд рафтан, аз хотир баромадан, дар ёд намондан.

**ФАРОМӮШӢ** فراموشی *мансуб ба* **фаромӯш**; фаромӯшхотирӣ.

**ФАРОМӮШКОР** فراموشکار он ки фаромушхотир аст ва ҳама чизро аз ёдаш мебарорад.

**ФАРОМӮШКОРӢ** فراموشکاری фаромӯшхотирӣ, азёдбарорӣ.

**ФАРОМӮШНАШАВАНДА** فراموش نشونده он чи фаромӯш намешавад ва дар ёд мемонад.

**ФАРОМӮШНАШУДАНӢ** فراموشنشدنی *ниг.* **фаромӯшнашаванда**.

**ФАРОМӮШНОШУДАНӢ** فراموشناشدنی *ниг.* **фаромӯшнашаванда**.

**ФАРОМӮШПЕША** فراموشپیشه *ниг.* **фаромушкор**.

**ФАРОМӮШСОЗ** فرامش ساز *ниг.* **фаромӯшкор**.

**ФАРОМӮШХОНА** فراموش خانه *мац.* ҷое ки бар асари он ҳама кас ва ҳама чиз фаромӯш мешавад.

**ФАРОМӮШХОТИР** فراموشخاطر *ниг.* **фаромӯшкор**.

**ФАРОМӮШХОТИРӢ** فراموشخاطری *ниг.* **фаромушкорӣ**.

**ФАРОМӮШШУДА** فراموش شده аз ёд рафта, ба гӯшаи фаромӯшӣ афтода.

**ФАРОНАВАЙШТА** فرانوشته *кит.* печидашуда, печонда, лӯлашуда.

**ФАРОНИҲОДАН** فرانهادن *кит.* дар миён гузоштан, пеш гузаштан.

**ФАРОНСАВӢ** فرانسوی *мансуб ба* **Фаронса**; **забони фаронсавӣ**, **олими фаронсавӣ**.

**ФАРОРАСӢ** فرارسی наздик омадани чизе.

**ФАРОРӮ(Й)** فرارو(ی) дар пеш; **фарорӯйи** *чизе* дар пеши чизе.

**ФАРОРУН** فرارون пешгӯикунандаи некӯӣ, башоратдиҳанда аз хушбахтӣ ва саодат; саъд.

**ФАРОСАТ** I *а.* فراست 1. идрок, дарёфт. 2. зиракӣ, ҳушёрӣ; **ба фаросат дарёфтан** аз сари заковат чизеро пай бурдан, моҳияти чизеро фаҳмидан.

**ФАРОСАТ** II *а.* فراست 1. аспсаворӣ. 2. аспшиносӣ.

**ФАРОСАТМАНД** فراستمند дорандаи фаросат, ҳушёр, зирак, закӣ, даррок, фаҳим.

**ФАРОСАТМАНДӢ** فراستمندی ҳушёрӣ, зиракӣ, заковатмандӣ.

**ФАРОСИХ** *а.* فراسخ *ҷ.* **фарсах**.

**ФАРОСТУК** فراستک парасту, фароштурук.

**ФАРОХ** فراخ кушод, васеъ, паҳновар, паҳноманд.

**ФАРОХАНДЕШ** فراخاندیش *ниг.* **фарохбин**.

**ФАРОХАНДЕШӢ** فراخاندیشی *ниг.* **фарохбинӣ**.

**ФАРОХБАРВЕЗАН** فراخبرویزن *ниг.* **фарохбез**.

**ФАРОХБЕЗ** فراخبیز парвозане, ки сӯрохиҳои васеъ дорад.

**ФАРОХБИН** فراخبین он ки дид ва назари кушод дорад, он ки ҷаҳонбинии васеъ дорад.

**ФАРОХБОЛ** فراخبال *кит., маҷ.* бахшанда, даст-кушод.

**ФАРОХДАСТ** فراخدست кушодадаст, сахӣ, соҳибҳиммат, олиҳиммат, ҷавонмард.

**ФАРОХДАСТӢ** فراخدستی кушодадастӣ, олиҳимматӣ, саховат, ҷавонмардӣ, саховатпешагӣ.

**ФАРОХДАҲАН** فراخدهن 1. он ки ва он чи даҳонаш калон аст, бузургдаҳон. 2. *маҷ.* бефаровезгӯӣ, беҳаёгӯ.

**ФАРОХДАҲАНӢ** فراخدهنی бефаровезии даҳон, беҳаёгӯӣ.

**ФАРОХДИДА** فراخدیده 1. *маҷ.* баландҳиммат, саховатманд. 2. ҳарис, нодида, гурусначашм.

**ФАРОХДИДАГӢ** فراخدیدگی 1. *маҷ.* баландҳимматӣ, саховатмандӣ. 2. ҳарисӣ, нодидагӣ.

**ФАРОХДИЛ** فراخدل олиҳиммат, сахӣ, ҷавонмард.

**ФАРОХДИЛӢ** فراخدلی олиҳимматӣ, ҷавонмардӣ.

**ФАРОХДОМАН** فراخدامن 1. фарохдаст, кушодадаст, сахӣ, ҳимматбаланд. 2. *маҷ.* сабукпо, тардоман.

**ФАРОХДОМАНӢ** فراخدامنی *мансуб ба* **фарохдоман** 1, 2. 1. саховатмандӣ. 2. *маҷ.* сабукпоӣ, тардоманӣ.

**ФАРОХДӮШ** فراخدوش васеъпушт, *маҷ.* бузургҷусса.

**ФАРОХӢ** فراخی вусъат, кушодӣ, паҳноварӣ.

**ФАРОХМАЙДОН** فراخمیدان васеъ, паҳновар.

**ФАРОХНЕЪМАТ** فراخنعمت он ки неъматаш зиёда аст; наим; *маҷ.* меҳмоннавоз, сахӣ.

**ФАРОХНО(Й)** فراخنا(ی) 1. ҷои яла, васеъ, кушод; ялангӣ, кушодагӣ. 2. вусъатнокӣ; паҳноварӣ.

**ФАРОХО** فراخا 1. фарохӣ, кушодӣ, фарохно; ҷои яла. 2. *маҷ.* осудаҳолӣ.

**ФАРОХОН** فراخوان фаро хондан, даъвати мардум барои анҷоми коре.

**ФАРОХОНД** فراخواند ба ҳузур талабидан, касеро ба куҷое даъват кардан, бозпас хондан: **фарохонди намоянда**; **фарохонди сафир**.

**ФАРОХОНӢ** فراخوانی даъват, муроҷиат.

**ФАРОХОСТИН** فراخآستین *маҷ.* олиҳиммат, ҷавонмард; карим.

**ФАРОХОҲАНГ** فراخآهنگ *кит.* дурраванда, оҳанге, ки аз дуриҳо шунида мешавад.

**ФАРОХПАЛЛА** فراخپله тарозуе, ки паллаҳояш калону васеъ аст.

**ФАРОХПЕШОНӢ** فراخپیشانی дилвасеъ, олиҳиммат, сахӣ.

**ФАРОХРАВ** فراخرو 1. бисёр роҳраванда, зиёд роҳ тайкунанда. 2. *маҷ.* беҳуда сарфкунандаи вақт. 3. *маҷ.* жарфбин, дурандеш.

**ФАРОХРАВӢ** فراخروی 1. бисёр роҳ рафтан. 2. *маҷ.* исрофкорӣ, хароҷоти беҷо кардан.

**ФАРОХРӮ(Й)** فراخرو(ی) *маҷ.* 1. *ниг.* **фарохостин**. 2. аз ҳад гузаранда, ифроткор.

**ФАРОХРӮЗӢ** فراخروزی *маҷ.* серризқ, серрӯзӣ.

**ФАРОХРӮЙ** فراخرویی 1. *маҷ., ниг.* фарохдастӣ. 2. аз ҳад гузаштан андар коре, ифроткорӣ.

**ФАРОХСУХАН** فراخسخن пурҳарф, сергап.

**ФАРОХТА** فراخته *кит., ниг.* **фарошта**.

**ФАРОХТАН** فراختن 1. *шакли дигари феъли* **афрохтан**. 2. *маҷ.* васеътан, танбузург.

**ФАРОХУД** فراخود *кит.* он ки ба ғайр аз худ касеро писанд намекунад, бузургманиш, худманиш, худгаро.

**ФАРОХУР** فراخور мувофиқ, лоиқ, сазовор; **фарохури ҳол** муносиби ҳол, ба қадри ҳол.

**ФАРОХЧАШМ** فراخچشم *ниг.* **фарохдида**.

**ФАРОХШИКАМ** فراخشکم *маҷ.* бисёрхӯр, бузургшикам, носерам.

**ФАРОХШОНА** فراخشانه *ниг.* **фарохдӯш**.

**ФАРОҲАМ** فراهم ҷамъшуда, гирдомада; **фароҳам овардан** гирд овардан, ба як ҷо ҷамъ намудан; муҳайё кардан *мас.* шароити кореро; **фароҳам омадан** ҷамъ омадан; гирд омадан, ба ҳам баста шудан, пайванд ёфтан;

**фароҳам шудан**.

**ФАРОҲАМОВАРӢ** فراهم‌آوری ҷамъоварӣ, гирдоварӣ; **фароҳамоварии мавод**, **фароҳамоварии шароит**.

**ФАРОША** *а.* فراشه 1. *биол.* парвона. 2. ҷорӯб, олати рӯбучин.

**ФАРОШО** فراشا *кит.* ҳолате, ки аз гирифтани табларза пайдо мешавад. (*хамёза, кашиши пӯсти бадан ва г.*); **фарошо баровардан** ба табларза дучор шудан.

**ФАРОШТАН** فراشتن *ниг.* **афроштан**.

**ФАРОШТУРУК** فراشتروک парасту.

**ФАРРА** فرّه *кит.* бузургӣ, шукӯҳ, азамат, шавкат, ҷалол.

**ФАРРАМАНД** فرّمند *кит.* бошукӯҳ, боҷалол, боазамат.

**ФАРРАҲӢ** فرّهی *кит.* шукӯҳ, азамат, шаъну шавкат, ҷалол ва бузургӣ.

**ФАРРОС** فراس *гуфт.*, *маҷ.* тез, босуръат, оҷилан, саросема: **фаррос зада гузаштан** хеле зуд, ба суръати зиёд гузашта рафтан.

**ФАРРОШ** *а.* فراش 1. рубӯчинкунанда, ҷорӯбкаш: **фарроши бозор**, **фарроши кӯча**. 2. хизматгор, хизматгузор.

**ФАРРОШЗАН** فراشزن 1. зане, ки амалаш фаррошист. 2. *маҷ.* каниз, ходима.

**ФАРРОШӢ** فراشی кор ва вазифаи фаррош; хизматгорӣ; навкарӣ, дарбонӣ.

**ФАРРУХ** فرّخ 1. некӯ, зебо. 2. хуҷаста, фархунда.

**ФАРРУХАХТАР** فرّخ‌اختر *кит.* хушбахт, саодатманд.

**ФАРРУХЗОД** فرّخزاد 1. фаррухнажод; *маҷ.* олинажод, асилзода. 2. *маҷ.* хушбахт, хуштолеъ.

**ФАРРУХӢ** فرّخی муборакӣ, хушбахтӣ, масъудӣ.

**ФАРРУХҚАДАМ** فرّخقدم муборакқадам, некқадам.

**ФАРРУХЛИҚО** فرّخلقا *маҷ.* муборакрӯ, зебочеҳра.

**ФАРРУХНАЖОД** فرخ نژاد *ниг.* **фаррухзод**.

**ФАРРУХНИҲОД** فرخنهاد *ниг.* **фаррухсиришт**.

**ФАРРУХПАЙ** فرخپی *маҷ.* хуҷастапай, муборакқадам, некқадам.

**ФАРРУХРӮЙ** فرخ روی *ниг.* **фаррухлиқо**.

**ФАРРУХРӮЗ** فرخ روز *мус.* мақоми 18-ум аз сӣ мақоми Борбади Марвазӣ.

**ФАРРУХРӮЗГОР** فرخ روزگار некрӯзгор, *маҷ.* хушбахт, хуштолеъ, муқбил.

**ФАРРУХСИМО** فرخ سیما *ниг.* **фаррухлиқо**.

**ФАРРУХСИРИШТ** فرخسرشت *маҷ.* покнажод, муборакхилқат, асилзода, некӯсират, озоднажод.

**ФАРРУХТАЛЪАТ** فرخطلعت *маҷ.* хуштолеъ, некбахт, мақбул.

**ФАРРУХФОЛ** فرخ فال *маҷ.* хуштолеъ, хушбахт.

**ФАРРУХФОЛӢ** فرّخ فالی хуштолеӣ, хушбахтӣ.

**ФАРС** *а.* فرث он чи дар даруни рӯдаҳо ва меъда мебошад.

**ФАРСАНГ** فرسنگ воҳиди масоҳат, ки наздик ба шаш километр аст.

**ФАРСАНГСОР** فرسنگسار аломат ва нишона, ки дар роҳҳо дар паи ҳар фарсанг гузошта мешуд.

**ФАРСАХ** *а.* فرسخ *ниг.* **фарсанг**.

**ФАРСОИДАН** فرسائیدن *ниг.* **фарсудан**.

**ФАРСОИШ** فرسایش фарсудан, фарсуда шудан.

**ФАРСУДА** فرسوده 1. соидашуда, кӯҳнашуда, пӯсида, аз ҳам рехта ва пошидашуда. 2. *маҷ.* паймудашуда, тайшуда: **роҳи фарсудаи умр**.

**ФАРСУДАГӢ** فرسودگی 1. кӯҳнагӣ, аз ҳам рехтагӣ, пӯсидагӣ, пажмурдагӣ. 2. *маҷ.* хастагӣ, мондагӣ.

**ФАРСУДАН** فرسودن молида ва соида шудан, пора-пора шудан, аз ҳам рехтан, *маҷ.* кӯҳна шудан, пӯсидан.

**ФАРСУДАХОТИР** فرسوده‌خاطر *маҷ.*, *ниг.* **фаромӯшхотирӣ**.

**ФАРСУДАХОТИРӢ** فرسوده‌خاطری *маҷ.*, *ниг.* **фаромӯшхотирӣ**.

**ФАРТ** *а.* فرط аз ҳад гузаштан, зиёдаравӣ, ифрот; **аз фарти шодӣ** аз ниҳояти шодӣ.

**ФАРТУР** فرتور акс, сурати касе ё чизе, ки дар

об, оина ва дигар чизҳои шаффофи соф акс мешавад.

**ФАРТУТ** فرتوت *маҷ.* солхӯрда; аз кор монда; пири солхӯрдаи аз кор монда, кӯҳансоли сусту нотавон.

**ФАРТУТӢ** فرتوتی 1. кӯҳнагӣ, фарсудагӣ, фарсудагӣ. 2. пирӣ, нотавонӣ, солхӯрдагӣ.

**ФАРТ–ФАРТ** فرت‌فرت бо шитоб, ба чобукию чолокӣ.

**ФАРФАР** فرفر бо шитоб, чобукона, чолокона, тезу чолок; **фарфар паридан** тез ва беист паридан; беист бо ларзиш ҷунбидан.

**ФАРФУР** فرفور *кит.* теху, парандаест кабкмонанд, вале аз он хурдтар.

**ФАРХ** فرخ *кит.* чӯҷаи мурғи хонагӣ ва дигар парандаҳо.

**ФАРХАВ** فرخو *кит.* хишоваи сабзавот, кандани алафҳои бегона; перостани ток ва буридани шохҳои зиёдатии дарахтон.

**ФАРХАСТ** فرخست *кит.* ҷоду, сеҳр, афсун.

**ФАРХАСТА** فرخسته *кит.* захмӣ ва бар замин афтида.

**ФАРХАНҶ** فرخنج насиб, баҳра.

**ФАРХАША** فرخشه *ниг.* **фарахша**.

**ФАРХОРДЕС** فرخاردیس 1. *кит.* фархормонанд, монанди бутхона. 2. *маҷ.* бисёр зебо ва ороста.

**ФАРХУНДА** فرخنده муборак, нек; фаррух, саодатманд; хушқадам, ҳумоюн.

**ФАРХУНДАБАХТ** فرخنده‌بخت хушбахт, масъуд.

**ФАРХУНДАБАХТӢ** فرخنده‌بختی хушбахтӣ, хуштолеӣ, масъудӣ.

**ФАРХУНДАГӢ** فرخندگی муборакӣ, некӣ, некбахтӣ.

**ФАРХУНДАКЕШ** فرخنده‌کیش *маҷ.* фархундаоин, дорои маслак ва одати муборaку нек.

**ФАРХУНДАПАЙ** فرخنده‌پی *маҷ.* муборакқадам, некқадам.

**ФАРХУНДАРОЙ** فرخنده‌رای муборакандеш, некрой, некандеш.

**ФАРХУНДАТОЛЕЪ** فرخنده‌طالع хушбахт, масъуд.

**ФАРХУНДАФАРҶОМ** فرخنده‌فرجام *маҷ.* муборакоқибат, некоқибат.

**ФАРХУНДАФОЛ** فرخنده فال *маҷ.* муборакфол, некбахт, нектолеъ, хуштолеъ.

**ФАРХУНДАФОЛӢ** فرخنده‌فالی некбахтӣ, хуштолеӣ.

**ФАРХУНДАҲОЛ** فرخنده‌حال *маҷ.* некавзоъ, осудаҳол, оромвазъ.

**ФАРҲАНГ** فرهنگ 1. маҷмӯи дастовардҳои инсоният дар соҳаи муносибатҳои истеҳсолӣ, ҷамъиятӣ ва ахлоқӣ, маданият; яке аз вазоратҳо ва шӯъбаҳои ҳукуматии вилояту шаҳру ноҳия, ки ба корҳои маданию равшаннамоӣ назорат ва роҳбарӣ мекунанд: **вазорати фарҳанг, шӯъбаи фарҳанг**. 2. *збш.* китобе, ки дар он вожаҳо ва таркибҳои забоне ҷамъоварӣ, тафсир ва ба ягон забон ё чанд забон тарҷума мешавад. 3. одоб, шуур, тарбияи иҷтимоӣ. 4. илм, маърифат. 5. ақл, хирад. 6. тадбир, чора.

**ФАРҲАНГДӮСТ** فرهنگ‌دوست 1. дӯстдори илму донишу фарҳанг. 2. алоқаманд ба баланд бардоштани сатҳи фарҳангии мардум ва ҷомеа, фарҳангпарвар.

**ФАРҲАНГДӮСТӢ** فرهنگ‌دوستی дӯстдорӣ ва алоқамандӣ ба илму маърифат, фарҳангпарварӣ.

**ФАРҲАНГИСТОН** فرهنگستان созмон ё анҷумани расмие, ки дар кишварҳои мухталиф барои рушди соҳаҳои муайяни илму фарҳанг таъсис мешаванд, Академияи илмҳо; **Фарҳангистони забон ва адабиёти Ҷумҳурии Исломии Эрон**.

**ФАРҲАНГИСТОНӢ** فرهنگستانی 1. *марбут ба* **Фарҳангистон**. 2. он ки дар Фарҳангистон фаъолият дорад.

**ФАРҲАНГӢ** فرهنگی 1. *марбут ба* **фарҳанг**. 2. хусусияти он чи, ки мавзӯъ ё меҳвари фаъолияти он ба фарҳанг марбут аст. 3. боодоб, ботарбия, маданӣ. 4. таълимдиҳандаи одобу фанҳо, омӯзгор, мураббӣ.

**ФАРҲАНГНАВИС** فرهنگ‌نویس *ниг.* **фарҳангнигор**.

**ФАРҲАНГНАВИСӢ** فرهنگ‌نویسی *ниг.* **фарҳангнигорӣ**.

**ФАРҲАНГНИГОР** فرهنگ‌نگار он ки ба таҳия,

ҷамъоварӣ ва сабти калимаву вожаҳо ва истилоҳоти забон машғул аст, фарҳангсоз, луғатнигор, фарҳангнавис.

**ФАРҲАНГНИГОРӢ** فرهنگ‌نگاری кор ва шуғли фарҳангнигор, луғатнигорӣ, вожанигорӣ, фарҳангнависӣ.

**ФАРҲАНГНОМА** فرهنگ‌نامه 1. китобе, ки дорои истилоҳоти махсуси соҳае мебошад; луғатнома, вожанома. 2. номае, ки дорои матлабҳои илмиву адабӣ мебошад.

**ФАРҲАНГОФАРИН** فرهنگ‌آفرین бавуҷудоварандаи фарҳангу тамаддун, тамаддунофарин.

**ФАРҲАНГОФАРИНӢ** فرهنگ‌آفرینی эҷод ва офариниши фарҳанг, тамаддунофаринӣ.

**ФАРҲАНГПАЗИР** فرهنگ‌پذیر он ки истеъдод ва ҳунари адабомӯзӣ ва донишандӯзӣ дорад.

**ФАРҲАНГПАЗИРӢ** فرهنگ‌پذیری вазъ ва ҳолати фарҳангпазир, қобилияти ҳунаромӯзӣ.

**ФАРҲАНГПАРВАР** فرهنگ‌پرور *ниг.* **фарҳангдӯст**.

**ФАРҲАНГПАРВАРӢ** فرهنگ‌پروری *ниг.* **фарҳангдӯстӣ**.

**ФАРҲАНГСАРО** فرهنگ‌سرا макон ва ҷои фарҳанг, фарҳангистон.

**ФАРҲАНГСОЗ** فرهنگ ساز 1. он чи дар бунёд ва сохтани тамаддуну фарҳанг нақше дорад, унсури фарҳангсоз. 2. луғатнигор, фарҳангнигор. 3. *маҷ.* донишманд, хирадманд.

**ФАРҲАНГСОЗӢ** فرهنگ‌سازی 1. эҷоди фарҳанг, сохтан ва бунёд кардани фарҳангу тамаддун. 2. таҳияи луғату фарҳангномаҳо.

**ФАРҲАНГҶӮЙ** فرهنگ‌جوی ҷӯяндаи илму фарҳанг, ҷӯёи илм, маърифат, дониш ва фарҳанг, фарҳангдӯст.

**ФАРҲАНҶ** فرهنج фарҳанг.

**ФАРҲАНҶИДАН** فرهنجیدن *кит.* 1. тарбият намудан, одоб додан. 2. танбеҳ ва ҷазо додан.

**ФАРҲАХТА** فرهخته *ниг.* **фарҳехта**.

**ФАРҲЕХТА** فرهیخته 1. соҳибмаърифат, бархурдор аз маърифат, донишманд. 2. омӯхта, ром, дастомӯз.

**ФАРҲЕХТАГӢ** فرهیختگی вазъ ва ҳолати фарҳехта, фарҳехта будан, донишмандӣ.

**ФАРҲЕХТАН** فرهیختن *кит.* тарбия кардан, омӯзондан, парваридан.

**ФАРҶ** *а.* فرج 1. сӯрох, шикоф. 2. андоми ниҳонии зан. 3. фосила, мобайн, танаффус.

**ФАРҶА** فرجه *ниг.* **фарҷ**.

**ФАРҶОД** فرجاد *кит.* ҷадди аълои падарӣ ё модарӣ, бобо ё саравлоди мубораки модарӣ ё падарӣ.

**ФАРҶОМ** فرجام 1. поён, охир, оқибат, анҷом. 2. лаёқат.

**ФАРҶОМИДАН** فرجامیدن поён додан, ба анҷом расондан, анҷом додан, тамом кардан.

**ФАРҶОМИН** فرجامین охирин *муқоб.* **аввалин**.

**ФАРҶОМҶӮЙ** فرجام‌جوی *маҷ.* дурандеш, оқибатандеш.

**ФАРҶОМГОҲ** فرجامگاه 1. *маҷ.* қиёмат. 2. гӯр, қабр, оромгоҳ.

**ФАРШ** *а.* فرش 1. ҳар чизе, ки ба замин густурда мешавад (*бурё, намад, гилем ва г.*). 2. қолин. 3. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* густурда (замини, хона, кӯча *ва г.)*; **мумфарш**, **сангфарш, тахтафарш**.

**ФАРЪ** *а.* فرع 1. он чи аз асл ҷудо шуда аст. 2. шохаи дарахт.

**ФАРЪӢ** فرعی *мансуб ба* **фаръ**; он чи аҳамияти дуюмдараҷа дорад, камаҳамият, иловагӣ; вобаста: **ширкати фаръӣ**.

**ФАРЯ** فریه лаънат, нафрин, дуои бад.

**ФАС(С)** *а.* فص санги қиматбаҳо, ки дар нигин устувор карда мешавад.

**ФАСАҚА** *а.* فسقه *ҷ.* **фосиқ**.

**ФАСД** *а.* فصد *тиб.* хунгирӣ, рагзанӣ, раг задан, ки дар тибби қадим барои гирифтани хуни фосид амалӣ мегардид.

**ФАСЕҲ** I *а.* فسیح фарох, васеъ, паҳновар.

**ФАСЕҲ** II *а.* فصیح касе, ки суханаш равону зебо бошад; хушсухан, хушқалам, салисбаён; **бо фасоҳат** салису равон (оид ба калом).

**ФАСЕҲАТ** *а.* فصیحت *шакли дигари* **фасоҳат**.

**ФАСЕҲБАЁН** فصیح بیان *ниг.* **фасеҳ** II.

**ФАСЕҲБАЁНӢ** فصیح بیانی *ниг.* **фасоҳат**.

**ФАСЕҲЗАБОН** فصیح زبان *ниг.* **фасеҳӣ**.

**ФАСЕҲЗАБОНӢ** فصیح زبانی *ниг.* **фасоҳат**.

**ФАСЕҲӢ** فصیحی *ниг.* **фасоҳат**.

**ФАСЕҲКАЛОМ** فصیح کلام *ниг.* **фасеҳ** II.

**ФАСЕҲСУХАН** فصیح سخن *ниг.* **фасеҳ** II.

**ФАСЕҲУЛБАЁН** *а.* فصیح البیان *ниг.* **фасеҳ** II.

**ФАСЕҲУЛЛИСОН** *а.* فصیح اللسان *ниг.* **фасеҳ** II.

**ФАСИЛ** *а.* فصیل 1. он чӣ ки дар миёни ду чиз фосила мегузорад. 2. девори қалъа ва ҳисор; девори гирдогирди шаҳр.

**ФАСИЛА** فسیله *кит.* гала, рама; галаи асп.

**ФАСИЛАГОҲ** فسیله گاه чарогоҳи галаи аспон.

**ФАСЛ** *а.* فصل 1. қисме аз чизе, қисмат, ҳисса. 2. як қисм аз чаҳор қисмати сол, мавсим; **чор фасл** баҳор, тобистон, тирамоҳ, зимистон. 3. як қисми муайяни асар ё рисола (фасл аз боб хурдтар аст). 4. айём, давр; **фасли гул** айёми шукуфтани гул. 5. як ҳиссаи муайян аз калом, гуфтор. 6. вақт, муддат; **фасле** муддате, замони каме. 7. ҷудоӣ, фосилапазирӣ, **фасл кардан** ҷудо намудан.

**ФАСЛӢ** فصلی *мансуб ба* **фасл**; мавсимӣ.

**ФАСЛУЛХИТОБ** *а.* فصل‌الخطاب каломи фасеҳ ва равшанмаънӣ, ҷудокунандаи ҳақ аз ботил; сухани қатъӣ, ки масъаларо файсал медиҳад.

**ФАСОД** *а.* فساد 1. табоҳӣ, вайронӣ, зишткорӣ, бадахлоқӣ; **фасоди ахлоқ** вайронии ахлоқ, бадахлоқӣ; **фасоди хун** фосид шудани хун, вайроншавии хун; **фисқу фасод** бадкорӣ ва бадахлоқӣ. 2. фитна, ошӯб, фитнаву фасод; 3. чирк, маддаи ҷароҳат ва реш, рим; **фасод кардан** чирк ва мадда ҷамъ шудан ба ҷароҳат. 4. *иқт.* коррупсия.

**ФАСОДАНГЕЗ** فسادانگیز он чи сабаби эҷоди фасод мегардад; он чи фасод меорад.

**ФАСОДАТ** *а.* فسادت фасодӣ, табаҳкорӣ, бадкирдорӣ.

**ФАСОДДОР** فساددار римдор, чиркдор (ҷароҳат, обила).

**ФАСОДКАШ** فسادکش *тиб.* ҷароҳате, ки бо худ фасод (*рим*, *чирк*) мекашад.

**ФАСОДКОР** فسادکار табаҳкор, бадкирдор, фитнаангез, иғвогар.

**ФАСОДКОРӢ** فسادکاری табаҳкорӣ, бадахлоқӣ, фитнаангезӣ, зиёнкорӣ.

**ФАСОДКОРОНА** فسادکارانه вайронкорона, фитнаангезона.

**ФАСОДНОК** فسادناک он чи фасоду рим дорад: **ҷароҳати фасоднок**.

**ФАСОДОЛУДА** فسادآلوده римолуд, чиркдор.

**ФАСОДОМЕЗ** فسادآمیز *ниг.* **фасоднок**.

**ФАСОН** I فسان 1. *кит.* санге, ки бо он корд, теғ *ва г.* тез мекунанд, қайроқсанг. 2. тез кардан бо санги фасон.

**ФАСОН** II *фр.* فسان ягон тарзи буриши либосе, намунаи буриш ва дӯхти либосе; **фасон будан** ба мӯди охирин либос пӯшидан, олуфтаёна либос пӯшидан; **фасон шудан** ба мӯди охирин либос пӯшидан.

**ФАСОНА** فسانه афсона, қисса, ҳикоя; **фасона шудан** вирди забонҳо гардидан, овоза шудан, боиси гапу гузори мардум шудан.

**ФАСОНАПАРДОЗ** فسانه پرداز 1. қиссагӯй, афсонагӯй. 2. сафсатагӯй, беҳудагӯй, дурӯғгӯй.

**ФАСОНАХОН** فسانه‌خوان афсонахон, афсонагӯй, қиссагӯй.

**ФАСОНАШУМОР** فسانه‌شمار 1. афсонашумор. 2. *маҷ.* афсонахон, донандаи афсонаҳои бешумор.

**ФАСОНАСАРО** فسانه سرا афсонахон, қиссахон, афсонагӯй.

**ФАСОНГАР** فسانگر бо санги фасон (қайроқ) тезкунандаи теғ *ва г.*, чархӣ, тезкунанда, қайроқзан.

**ФАСОНГАРӢ** فسانگری *гуфт.* 1.зебову хушнамуд гаштан, худро бо либосҳои ҳозиразамон зебову ороиш додан. 2.шуғли чархгарӣ, қайроқзанӣ доштан.

**ФАСОНӢ** فسانی *гуфт., ниг.* **фасонгарӣ** 1.

**ФАСОР** فسار *шакли дигари* **афсор**.

**ФАСОРОҲЕХТА** فسارآهیخته 1. *кит.* ҷилавгусехта, озодҷилав, ҷилавсардода. 2. *маҷ.* худсар, саркаш.

**ФАСОҲАТ** *а.* فصاحت сухани бурро доштан,

равшанбаёнӣ; ба салосат ва равонӣ сухан гуфтан; баёни салису зебо доштан.

**ФАССОД** *а.* فصاد фасдкунанда, хунгиранда, рагзан, ҳаҷҷом.

**ФАСУРДАГӢ** فسردگی афсурдагӣ; афсурда будан; ҳолати пажмурдагӣ, дилсардӣ, андӯҳгинӣ.

**ФАСУРДАН** فسردن *ниг.* **афсурдан**.

**ФАСХ** *а.* فسخ *кит.* ботил кардан, барҳам задан, аз эътибор соқит шумурдан (шартнома, байъ *ва г.*) **фасх кардан** бекор кардан, ботил намудан, барҳам задан (байъ, муомиларо).

**ФАТАЛИЗМ** *фр.* فتليزم эътиқод ба қазову қадар, эътиқод ба ногузир будани он чи гӯё дар сарнавишт муқаррар шудааст.

**ФАТАЛИСТ** *фр.* فتليست он ки ба ногузирии қазову қадар ва сарнавишт эътиқодманд аст.

**ФАТАРОТ** *а.* فترات 1. *ҷ.* **фатрат**, вайрона, хароба, фарсуда, харобазор. 2. суст, заиф; **фатарот будан** вайрона ва дар ҳоли хароб будан; нообод будан; **фатарот шудан** вайрона шудан, хароб шудан (бино).

**ФАТВО//ФАТВӢ** *а.* فتوا//فتوی 1. ҳукми шаръӣ, санади навиштаи муфтӣ доир ба ягон масъалаи динӣ ё мурофиа дар асоси аҳкоми шариат; **фатво баровардан (додан, навиштан)** райъ додан ва асоси шаръӣ нишон додани муфтӣ ва мутасаддии аҳкоми шариат оид ба ягон масъала ё мурофиа; **фатво пурсидан (ё хостан)** доир ба масъалае райъ ва ҳукми шаръӣ пурсидан аз муфтӣ. 2. *маҷ.* иҷозат, рухсат, раъю фикр.

**ФАТВОНОМА** فتوی‌نامه ҳуҷҷати навиштаи муфтӣ оид ба ягон масъалаи шаръӣ.

**ФАТВОТАЛАБ** فتوی‌طلب он ки дар бораи масъалае аз муфтӣ ҳукми шаръӣ мепурсад.

**ФАТИЛА** *а.* فتيله ресмони пахтагини тофташудае, ки дар чароғи пилтасӯз ё ба даруни шамъ гузошта нӯги онро меафрӯзанд, ки рӯшноӣ диҳад, пилта.

**ФАТИЛАМӮ(Й)** فتيله موـ(ی) *маҷ.* он ки мӯи тобхӯрда дорад; мӯи дарҳаму барҳамшуда, мӯи шононадида, ҷаъдмӯй, муҷаъъад.

**ФАТИЛАСӮЗ** فتيله‌سوز чароғдоне, ки фатила гузошта афрӯхта мешавад; шамъдон.

**ФАТИН** *а.* فطين *кит.* фусуншуда, афсуншуда, сеҳрзада, шефта, мафтун.

**ФАТИР** *а.* فطير ноне, ки аз хамири бемоя (хамиртуруш) пухташуда ё хамири он дуруст нарасида бошад; **аз нӯги хамир фатир** (*зарб.*).

**ФАТИРМАСКА** فطير مسكه хӯроке, ки аз фатиру маска иборат аст.

**ФАТИРХАМИР** فطيرخمير хамири фатир; **карсони фатирхамир**.

**ФАТӢ** *а.* فتی *ниг.* **фато**.

**ФАТҚ** *а.* فتق 1. *тиб.* баромадагие, ки бар асари хуруҷи аҳшо аз маҳалли аслии худ дар бадан (ноф, болои ноф, рон, хоя) пайдо мешавад. 2. шикаст, рахна; кушудан, шикофтан.

**ФАТО** *а.* فتی 1. ҷавон ҷавонмард. 2. футувват, ҷавонмардӣ.

**ФАТОЛИДА** فتاليده пароканда, парешон.

**ФАТОЛИДАН** فتاليدن 1. парокандан, парешондан. 2. рехтан, пошидан, пароканда кардан. 3. даридан, аз ҳам кандан, гусехтан.

**ФАТОНАТ** *а.* فطانت дарк кардан, дарёфт; зиракӣ.

**ФАТТОК** *а.* فتّاک ба ногоҳ ҳамлакунанда; бебок ва ҷасур дар бадкорӣ.

**ФАТТОН** *а.* فتّان фитнаангез, фитнакор, *маҷ.* он ки бо ҳусну ҷамоли худ мардумро мафтун мекунад, дилрабо; **чашми фаттон** чашми шӯх, чашми дилфиреб (*сифати чашми зебо*).

**ФАТТОНӢ** فتّانی фитнаангезӣ; дилбарӣ, дилфиребӣ, мафтункунандагӣ; **фаттонӣ кардан** дилрабоӣ кардан.

**ФАТРАТ** *а.* فترت 1. фосилаи байни ду давр ё чиз. 2. сустӣ, нотавонӣ, заъф.

**ФАТТОҲ** *а.* فتّاح 1. фатҳкунанда, кушоянда, коркушо. 2. сифати Худованд.

**ФАТҲ** *а.* فتح 1. кушодан, боз кардан, кушоиш. 2. тасхир кардан, зафар ёфтан; зафар, ғалаба; фирӯзӣ: **фатҳ кардан** тасхир кардан, шаҳреро ё кишвареро ба зӯрӣ ба даст даровардан; ғалаба кардан, фирӯз шудан. 3. *ниг.* **фатҳа**. 4. сураи чиҳилу ҳаштум аз Қуръони карим.

**ФАТҲА** *а.* فتحه забар, аломат дар ҳуруфи араб.

**ФАТҲНОМА** فتحنامه 1. номае, ки аз фатҳу зафар хабар медиҳад. 2. китоби пирӯзиҳо, зафарнома.

**ФАТҲОВАР** فتحآور он чи боиси ғалаба ва фирӯзӣ аст, он ки ғолиб ва фирӯз гаштааст.

**ФАХ** فخ *гуфт.* 1. сихшуда; **фах кардан** сих кардан. 2. бо бинӣ овоз баровардан, сурфаи бинӣ.

**ФАХАМ** فخم 1. боғҷома, чодире, ки дар вақти афшондани мева, ҳамчун тут, зардолу *ва г.* ба зери дарахт медоранд. 2. чодире, ки барои ғун кардани нисор (пулу қанду қурс) дар тӯйҳо ва ҷашнҳои хурсандӣ ба рӯи даст нигоҳ дошта мешавад.

**ФАХАН** فخن *кит.* миёнаҷои боғ, даруни боғ, саҳни боғ.

**ФАХИДАН** فخيدن 1. сих кашидан (и чизе). 2. бо бинӣ овоз баровардан; сурфа аз роҳи бинӣ.

**ФАХМ** فخم *ниг.* **фахам**.

**ФАХМИДАН** فخميدن тоза кардан, пахтаро аз пунбадона ҷудо кардан.

**ФАХН** فخن *ниг.* **фахан**.

**ФАХОМАТ** *а.* فخامت *кит.* бузургвор шудан, бузургворӣ.

**ФАХР** *а.* فخر 1. нозидан, болидан бо доштани чизе, мубоҳот кардан; **фахр кардан** болидан, нозидан, мубоҳот кардан, ба сарфарозӣ ва бартарии худ бузургӣ кардан. 2. боиси нозиш ва ифтихор.

**ФАХРИДАН** فخريدن фахр кардан, ифтихор намудан, аз чизе нозиш намудан.

**ФАХРИЯ** *а.* فخريه *адш.* навъе аз қасида, ки мавзӯи мавриди баҳсаш ифтихори шахсӣ аст, монанди ифтихор аз аслу насаб, аз нажод, аз миллат, аз донишу истеъдод *ва г.*

**ФАХРИЯСАРОӢ** فخريه‌سرائى сароидан ё сурудани қасидаи фахрия.

**ФАХРӢ** فخرى он чи боиси ифтихор ва мубоҳот аст, он чи ба нишонаи тақдир ва эҳтиром дода мешавад; **унвони фахрӣ**.

**ФАХРОВАРӢ** فخرآورى ифтихор кардан; нозиш.

**ФАХРФУРӮШӢ** فخرفروشى фахр фурӯхтан, *маҷ.* изҳори фахри зиёд кардан аз чизе, масалан аз амалу насаб, аз нажод *ва г.*

**ФАХФАРА** فخفره сабӯси орди гандум ё орди ҷав; **нони фахфара** ноне, ки аз сабӯси орди гандум ё ҷав пухта шудааст.

**ФАХФУР** فخفور *ниг.* **фағфур**.

**ФАХФУРӢ** فخفورى *ниг.* **фағфурӣ**.

**ФАХ-ФАХ** فخ فخ **:фах-фах кардан** бо нафаскашии сахт дам аз дарун баровардан (*мас.,* асп).

**ФАХХАК** فخّک дамида баландшуда мисли пахта ва мӯй.

**ФАХХАС** فخّس овози ғулғуладори чизе (*аз давидан, аз ҳаракат, аз баланд-баланд нафас кашидан*).

**ФАХХОС** فخّاس **:фаххос задан** аз давидан, аз ҳаракати зиёд ё фарбеҳӣ баланд–баланд нафас гирифтан.

**ФАХХОСӢ** فخّاسى дамида, баландшуда (*мас. пахта, мӯй*).

**ФАҲВО** *а.* فحوى//فحوا *кит.* мазмун, маънӣ; мадлул, далелнок; тафсир.

**ФАҲЛ** فحل 1. нар; *муқоб.* **мода**. 2. марди боobрӯ, мӯътабар ва барҷаста дар ягон соҳа; саромад.

**ФАҲЛАВӢ** فهلوى *ниг.* **паҳлавӣ**.

**ФАҲЛАВИЁТ** فهلويات *кит.* шеъре, ки дар яке аз лаҳҷаҳои маҳаллии форсӣ гуфта шудааст, паҳлавиёт.

**ФАҲЛӢ** فحلى 1. мардӣ; **фаҳлӣ овардан** кори мардона кардан, кори шоистаи мардон ба ҷо овардан. 2. далерӣ, диловарӣ.

**ФАҲМ** *а.* فهم дарк кардан, дарк, дарёфт, фаросат, донистан; **ба фаҳми** *касе* аз рӯи фаҳмиши *касе*, чунон ки *касе* медонад; **ба фаҳми** *чизе* **нарафтан** моҳият ва маънои чизеро дарнаёфтан, надонистан; бефаросат будан.

**ФАҲМИДАН** فهميدن дарёфтан, дарк кардан, расидан ба маънои чизе.

**ФАҲМИДАНӢ** فهميدنى 1. он ки хостори фаҳмидани чизе аст. 2. он чи сазовор ва шоистаи фаҳмидану донистан аст.

**ФАҲМИШ** فهمش идрок, дарёфт.

**ФАҲМО** فهما мафҳум, фаҳмидашаванда, қобили фаҳм.

**ФАҲМОН(И)ДАН** فهماندن//فهمانیدن матлаберо ба касе ироа кардан, боиси фаҳмидани каси дигар шудан, матлаберо ба касе маълум ва тафсир намудан.

**ФАҲӮЛ** *а.* فحول 1. *маҷ.* баргузидагон, барҷастагон. 2. диловарон, шуҷоон.

**ФАҲӮЛЛИБОС** فحول لباس он ки либоси ба тани худ васеъ ва ношинам дорад.

**ФАҲҲОД** *а.* فهّاد *кит.* омӯзондани шикор ба юз.

**ФАҲҲОШ** *а.* فحّاش бисёр бадзабон, хоридиҳанда, дашномдиҳанда.

**ФАҲҲОШӢ** فحّاشی бадзабонӣ, бадгӯӣ, фаҳшгӯӣ.

**ФАҲШ** *а.* فحش 1. дашном, носазо; сухани зишт. 2. кори зишт, кори берун аз ахлоқу одоб.

**ФАҲШИЁТ** فحشیات гапҳои носазо, корҳои зишту носазо, гап ва амалҳои берун аз ахлоқу одоб.

**ФАҲШКОРӢ** فحشکاری корҳои бо фаҳш омехта, амали зишту нораво.

**ФАЧ** فچ 1. *гуфт., маҷ.* бемазза, камнамак. 2. *маҷ.* бемаънӣ; **гапи фач** сухани бемаънӣ ва беҳуда; **одами фач** одами беидрок, кундфаҳм.

**ФАЧ-ФАЧ** فچ فچ *гуфт.* 1. сухани беҳуда ва газофа гуфтан. 2. чизеро дар даҳон хоидан.

**ФАЧГӮӢ** فچ گوئی *маҷ.* беҳудагӯӣ, газофпардозӣ.

**ФАЧӢ** فچی *маҷ.* пастӣ, залилӣ, газофгӯӣ.

**ФАҶАРА** *а.* فجره *ҷ.* **фоҷир**.

**ФАҶЕОНА** فاجیعانه ба таври фоҷиаомез, ба таври дарднок, аламангез, бо сахтӣ ва мусибат, ба таври риққатангез.

**ФАҶЕЪ** *а.* فجیع *кит.* дарднок, ҷонгудоз, риққатовар, фоҷиаовар, фоҷиазой.

**ФАҶИАТ** *а.* فجیعت мусибат, ҳодисаи дардноки андӯҳгин ва аламбахш, фалокат, фоҷеа.

**ФАҶО** *а.* فجا ногаҳон, банохост; **марги фаҷо** марги муфоҷо, марги ногаҳон.

**ФАҶОАТ** *а.* فجائة ҳодисаи ногаҳон, воқеаи банохост, рухдоди ногаҳонӣ.

**ФАҶОАТАН** *а.* فجائتاً ба таври ногаҳонӣ ногаҳонӣ, банохост.

**ФАҶОӢ** فجائی ногаҳон, банохост.

**ФАҶР** *а.* فجر 1. *кит.* сапедаи саҳарӣ; бомдод. 2. сураи ҳаштоду нуҳӯми Қуръони Карим.

**ФАШ** فش 1. нӯги овезони салла; **марди бо ришу фаш** *маҷ.* одами калонсол, солхӯрда, мӯътабар. 2. ёли асп.

**ФАШАНГ** فشنگ милаи оҳание, ки дар болои нуқтаи такяи худ ҳаракат мекунад ва ба воситаи он ҷисми вазнине бо қувваи кам бардошта мешавад, аҳрам.

**ФАШИЗМ** *фр.* فشیزم *с.* ҷараёни иртиҷоии сиёсӣ, хоҳони бартарии миллӣ ва нажодӣ аст ва шовинизми ифротӣ, ирқпарастӣ, маҳв намудани озодиҳои демократӣ ва ангехтани ҷангҳои истилогарона аз мушахассоти фашизм аст.

**ФАШИСТ** *фр.* فشیست пайрави маслаки сиёсии фашизм.

**ФАШИСТӢ** فشیستی *мансуб ба* **фашизм**; фашистона, дорои низоми фашизм.

**ФАШ-ФАШ** فش فش :**фаш-фаш кардан** тез-тез бо овоз нафас гирифта; тез-тез ва саросема хӯрок хӯрдан.

**ФАШШАС//ФАШШОС** فشّس//فشّاس фашшос задан, тез-тез ва бо овоз дам баровардан.

**ФАШШОСЗАНӢ** فشّاسزنی *маҷ.* тез-тез ва баланд-баланд нафас кашидан.

**ФАШШОСӢ** فشّاسی махсусияти он ки ва он чи фашшос мезанад ва овози баланд мебарорад.

**ФАЪЛА** *а.* فعله *кит.* коргар, муздур.

**ФАЪОЛ** *а.* فعال 1. бисёр коркунанда, серҳаракат, коркун, пуркор. 2. *маҷ.* он ки худро назди ҷомеа ва дар ҷои фаъолият ба рафтори хуб мусбат пешниҳод мекунад.

**ФАЪОЛИЯТ** *а.* فعالیت кӯшиш, серҳаракатӣ ва ҷиддият дар иҷрои коре, ғайрат ва ҷидду ҷаҳд дар кор.

**ФАЪОЛИЯТНОКӢ** فعالیتناکی *гуфт.* фаъол будан дар коре.

**ФАЪОЛӢ** فعالی *маҷ.* хуб ба ҷо овардани коре; ташаббускор будан.

**ФАЪОЛОНА** فعالانه бо фаъолият, ба таври фаъол, бо ҷидду ҷаҳди тамом.

**ФАЯЗОН** а. فیضان сероб кардан, обшор кардан: **фаязони саҳро**.

**ФЕВРАЛ** *лот.* فیورل моҳи дуюм аз тақвими милодӣ.

**ФЕДЕРАЛИЗМ** *фр.* فیدیرلیزم сохти давлатӣ, ки ба федератсия асос ёфтааст.

**ФЕДЕРАЛӢ** فیدیرلی *мансуб ба* мақомоти федератсия.

**ФЕДЕРАТИВӢ** فیدیرتیوی *мансуб ба* **федератсия**.

**ФЕДЕРАТСИЯ** *фр.* فیدیرتسیه 1. дар доираи як давлати бузурги ягона муттаҳид шудани якчанд давлатҳои мустақил. 2. иттиҳодияи якчанд ҷамъият ва ташкилотҳои ҷудогона.

**ФЕЛДЕГЕР** *фр.* فیلدیگیر *с.* қосиди ҳукуматӣ, ки кораш аз расонидани ҳуҷҷатҳои муҳим ва махфӣ иборат аст.

**ФЕЛДЕГЕРӢ** فیلدیگیری амали фелдегер.

**ФЕЛДМАРШАЛ** *фр.* فیلدمرشل *ҳарб.* мансаби олии ҳарбӣ дар Олмон ва Инглистон.

**ФЕЛДШЕР** *фр.* فیلدشیر *тиб.* дастёри пизишк, пизишкёр; корманди тиббӣ бо маълумоти тиббии миёна.

**ФЕЛДШЕРӢ** فیلدشیری *мансуб ба* **фелдшер**.

**ФЕЛЕТОН** *фр.* فیلیتان мақолаи танқидии ба тарзи бадеӣ ва´ ҳаҷвомез навишташуда (*барои рӯзнома ё маҷалла*) дар мавзӯи муҳимми рӯз.

**ФЕЛЕТОННАВИС** فیلیتاننویس он ки барои газета ва маҷаллаҳо ба тарзи ҳаҷвия мақолаҳо менависад, ҳаҷвиянавис.

**ФЕОДАЛ** *фр.* فیآدل *с.* 1. намояндаи синфи ҳоким дар сохти феодалӣ; заминдори калоне, ки меҳнати деҳқонони ба худ тобеъро истисмор мекунад. 2. *маҷ.* одами худраъй, ситамгар.

**ФЕОДАЛИЗМ** *фр.* فیآدلیزم *с.* сохти ҷамъиятӣ, ки дар он замин, воситаҳои истеҳсолот ва деҳқонон дар моликияти феодал–заминдори калон буд ва ӯ дар қаламрави ба худ тобеъ идораи давлатиро низ дар даст дошт.

**ФЕОДАЛӢ** *а.* فیآدلی *мансуб ба* **феодализм** *ва* **феодал**.

**ФЕРМА** *фр.* فیرمه 1. хоҷагии ҷудогонаи соҳаи махсус ба чорводорӣ. 2. хоҷагии деҳқонии хусусӣ дар заминҳои шахсӣ ё иҷора.

**ФЕРМАДОРӢ** فیرمهداری хусусияти он ки соҳиби ферма аст.

**ФЕРМЕНТ** *фр.* فیرمنت *биол.* моддаи органикие, ки аз ҳуҷайраҳои зинда ба даст меоянд ва дар организм бо мубодилаи моддаҳо ёрӣ медиҳад.

**ФЕРМЕР** *фр.* فیرمیر соҳиб ё иҷорадори ферма.

**ФЕРМЕРӢ** فیرمیری *мансуб ба* **фермер**.

**ФЕСТИВАЛ** *фр.* فیستیول намоиши комёбиҳои кино, театр, мусиқӣ *ва г.* ки дар мавридҳои муайян гузаронида мешавад, ҷашнвора.

**ФЕЪЛ** *а.* فعل 1. *грам.* яке аз ҳиссаҳои нутқ, ки тарзи амал ё ҳолатеро дар гузашта, ҳозира ва оянда нишон медиҳад. 2. кор, амал. 3. хулқ, хислат, атвор, одат; **феъли бад** а) хӯи бад, одату кирдори бад; б) бадҷаҳлӣ, тундмиҷозӣ; якраҳагӣ, инодкорӣ; **феъли** *касеро* **донистан** аз рафтору кирдор, хулқу хӯ ва табиати касе воқиф будан; **аз феъли худ намондан** аз хӯю одати худ даст накашидан, тарки одат накардан.

**ФЕЪЛАН** *а.* فعلاً 1. амалан, аз рӯи кор ва амал. 2. *маҷ.* ҳозир, ҳоло, ҳозир.

**ФЕЪЛӢ** فعلی амалӣ, воқеӣ.

**ФЕҲРАСТ** فهرست *ниг.* **феҳрист**.

**ФЕҲРИСТ** فهرست 1. ҷадвал. 2. рӯйхати боб ва фаслҳо ё сарлавҳаҳои ҷудогонаи дохили китоб, ки дар аввал ё дар охири китоб дода мешавад; рӯйхати номгӯи чизе.

**ФИБРИН** *фр.* فبرین *биол.* моддаи сафеда, ки дар хун ҳосил мешавад.

**ФИБРИНОГЕН** *фр.* فبریناگین *биол.* ба вуҷудоварандаи фибрин.

**ФИГАНДАН** فگندن *ниг.* **афкандан**.

**ФИГОР** فگار *ниг.* **афгор**.

**ФИГУРА** *фр.* فگوره 1. *риёз.* шакл, шакли ҳандасӣ. 2. шахс, кас, симо; шахсият. 3. мӯҳраҳои қудратманди шоҳмот

**ФИҒОН** فغان *ниг.* **афғон**, фарёд, нола, зорӣ; **фиғон бардоштан (баровардан)** *маҷ.* фарёду нола кардан, дод гуфтан; **фиғон кардан** нолидан, бо зорӣ фарёд бардоштан; **фиғон кашидан** *ниг.* **фиғон бардоштан; ба фиғон омадан** нолидан, фарёди зорӣ баровардан, ба танг омада, нола кардан.

**ФИДИЯ** *а.* فدیه *ниг.* **фидя**.

**ФИДИЯДИҲАНДА** فدیه‌دهنده *ниг.* **фидядиҳанда**.

**ФИДИЯДИҲӢ** فدیه دهی *ниг.* **фидядиҳӣ**.

**ФИДО** *а.* فدا 1. *кӯҳн.* додани пул ё чизе барои халосии худ ё касе; фидя, сарбаҳо, қурбонӣ. 2. *маҷ.* барои касе чизе харҷ ё сарф кардан; **фидо гаштан /шудан/** дар роҳи касе ё коре ҷони худро додан; қурбон шудан; **фидо кардан** чизеро қурбон ва садақа кардан; ба хотири касе (ё чизе) аз баҳри чизе гузаштан.

**ФИДОГАШТА** فداگشته *маҷ.* он ки худро дар роҳи мақсаде қурбон кардааст.

**ФИДОИВОР** فدایی وار *маҷ.* довталабона, мисли фидоиён амал кардан.

**ФИДОӢ** فدایی 1. *маҷ.* он ки худро қурбони дигаре мекунад. 2. он ки ба ихтиёр ва хоҳиши худ кореро ба зимма гирифтааст, довталаб, ихтиёрӣ.

**ФИДОКОР** فداکار он ки дар роҳи коре ҷони худ, манфиати худро дареғ намедорад; аз худ гузашта барои коре.

**ФИДОКОРӢ** فداکاری аз ҷон гузашта дар роҳи коре; дареғ надоштани ҷон ё манфиати худ дар роҳи коре.

**ФИДОКОРОНА** فداکارانه чун фидоӣ (амал кардан), қаҳрамонона: **меҳнати фидокорона**.

**ФИДЯ** *а.* فدیه *таър.* мол ё чизе, ки барои халосии ҷони худ ё каси дигар дода мешуд; сарбаҳо, сархарид.

**ФИДЯДЕҲ** فدیه ده *ниг.* **фидя диҳанда**.

**ФИДЯДИҲАНДА** فدیه دهنده он ки барои харидани ҷони худ ё касе дигар пул медиҳад.

**ФИДЯДИҲӢ** فدیه دهی амали фидядиҳанда.

**ФИЗЗА** *а.* فضه *кит.* нуқра, сим.

**ФИЗИК** *ю.* فیزیک мутахассиси илми физика, физикадон.

**ФИЗИКА** *ю.* فیزیکه илме, ки аз хосият ва сохти модда, аз шаклҳои ҳаракат ва тағйироти онҳо баҳс мекунад, табииёт.

**ФИЗИКӢ** فیزیکی 1. *мансуб ба* **физика**. 2. ҷисмонӣ.

**ФИЗИН** فیزین истеҳзо, масхара, пастзанӣ.

**ФИЗИОЛОГ** *ю.* فیزیالاگ олим ва мутахассиси соҳаи физиология.

**ФИЗИОЛОГИЯ** *ю.* فیز یالاگیه 1. илме, ки оид ба вазифаҳои аъзои бадани ҷонварон баҳс мекунад. 2. маҷмӯи амалиёти ҳаётие, ки дар аъзои бадан ба вуқӯъ меояд.

**ФИЗИОЛОГӢ** *фр.* فیزیالاگی *мансуб ба* **физиология**.

**ФИЗИОТЕРАПИЯ** *ю.* فیزیاتیرپیه *тиб.* муолиҷа ба воситаҳои физикӣ (*бо нур, ҳарорат, ҳаво, қувваи барқ ва г.*).

**ФИЗИОТЕРАПИСТ** *ю.* فیزیاتیرپیست *тиб.* мутахассиси физиотерапия.

**ФИЗОИШ** فزائش *шакли дигари* **афзоиш**.

**ФИКАНДАН** فکندن *ниг.* **афкандан**.

**ФИКР** *а.* فکر андеша, тааммул. 2. хаёл; мулоҳиза; **ба фикри ман**... бино ба мулоҳизаи ман, аз рӯи пиндошти ман, чунон ки ман меандешам; **фикр аз як ҷо баромадан** *маҷ.* ҳамфикр ва ҳамақида будани ду кас дар бораи масъалае; **фикр давондан** фикр кардан, мулоҳиза рондан дар бораи масъалае; **фикр доштан** *маҷ.* дар хаёли чизе будан; **ба як фикр омадан** дар бораи масъалае ба қарори маълум расидан; **ба (дар) фикр рафтан (фурӯ рафтан)** андеша кардан; ғарқи андеша (хаёл) шудан; **фикр кардан** *маҷ.* андеша кардан, андешидан; **фикри** *чизеро* **дидан** *маҷ.* дар бораи чизе мулоҳиза ва фикр рондан; ғами чизеро хӯрдан; роҳи ҳалли масъалаеро андешидан; **фикри** *чизеро* **кардан** дар бораи коре (чизе) ба як фикр омадан; ғами чизеро хӯрдан.

**ФИКРАН** *а.* فکراً дар олами фикру хаёл; дар хаёл ва фикри худ, дар ҳолати фикр будан.

**ФИКРАТ** *а.* فکرت 1. андеша, андешидан дар бораи коре ё чизе, тааммул. 2. хирад, ақл.

**ФИКРДАВОНӢ** فکردوانی *маҷ.* мулоҳизаву андеша кардан дар бораи чизе.

**ФИКРӢ** فکری 1. *марбут ба* **фикр**; *мансуб ба* **андеша**; **инқилоби фикрӣ** табадуллот дар фикрҳо, бедории фикрҳо; **кори (меҳнати) фикрӣ** коре, ки ба воситаи фаъолияти ақлӣ ба амал меояд; *муқоб.* **кори ҷисмонӣ**. 2. *маҷ.* шахси хаёлӣ, вижагии шахси фикркунанда.

**ФИКРРАСО** فکررسا он ки қувваи андеша ва мулоҳизаронии комил дорад.

**ФИКРРОНӢ** فکررانی *маҷ.* дар бораи коре, масъалае андеша кардан, мулоҳиза ва тааммул намудан.

**ФИҚДОН** *а.* فقدان *ниг.* **фуқдон**.

**ФИҚРА** *а.* فقره 1. банде аз бандҳои сутуни тахтапушт; мӯҳраи тахтапушт. 2. як ҷумла ё ибора; як порча аз сухан; як банд, ҷуфт.

**ФИҚ-ФИҚ** فق فق *гуфт., маҷ.* гиристан, бо овози паст гиря кардан.

**ФИҚҲ** *а.* فقه илм доир ба аҳкоми шариати ислом, илми аҳкоми шариат.

**ФИЛ** فیل *муарраби* **пил** ҳайвони (хушкигарди) калонҷуссаи хартумдор; пил.

**ФИЛАФКАН** فیل افگن *маҷ.* зӯрманд, боқувват (одам).

**ФИЛБОН** فیل بان он ки ба филҳо нигоҳубин мекунад, филпой.

**ФИЛБОНӢ** فیل بانی амали филбон, бонӣ кардан ва тарбияти фил.

**ФИЛВОҚЕЪ** *а.* فی الواقع воқеан, дар ҳақиқат.

**ФИЛГӮШ** فیل گوش *бот.* яке аз навъҳои гули савсан.

**ФИЛИЗ(З)** *а.* فلز *хим.* унсури химиявии содаи дорои ҷилои махсус, ки ноқили гармо ва қувваи барқ аст, ҳар ҷисми маъдание, ки хосияти ҷилодиҳӣ ва ёзандагӣ дошта, гузаронандаи ҳарорат ва ҷараёни барқ аст.

**ФИЛИЗГУДОЗ** فلزگداز 1. он ки филиз мегудозад. 2. он чи бад-он филизро мегудозанд.

**ФИЛИЗГУДОЗӢ** فلزگدازی гудохтани филиз.

**ФИЛИЗӢ** فلزی он чи аз филиз аст; он чи аз филиз сохта мешавад; он чи мансуб бар филиз аст.

**ФИЛИЗШИНОСӢ** فلزشناسی илме, ки бо омӯхтани сохт ва хосияти физикии филизот машғул аст.

**ФИЛИЗОТ** *а.* فلزات *ҷ.* **филиз(з)**.

**ФИЛИЗСОЗ** فلزساز он ки бо филиз кору бор дорад; он ки аз филиз чизҳо месозад.

**ФИЛИҚ-ФИЛИҚ** فلق فلق *лаҳҷ.* *тақлиди овози* гиряи бардавом.

**ФИЛМ** *фр.* فیلم *санъ.* 1. навори селлулоидӣ барои сабти лаҳзаҳои кино; аккосӣ, навори ҳассос ва қобили инъитоф. 2. маҷмӯи лаҳзаҳои як намоиши кино, синамо.

**ФИЛМАСАЛ** *а.* فی المثل 1. масалан. 2. ҳарчанд, агарчи, ҳатто.

**ФИЛМБАРДОР** فیلم بردار *санъ.* наворбардор, наворгир; аккос, синамогар, сабткунандаи филм.

**ФИЛМБАРДОРӢ** فیلمبرداری *санъ.* суратгирӣ барои филм, сабти тасовир.

**ФИЛМНОМА** فیلم نامه *санъ.* навиштае, ки аз рӯи он филм таҳия мешавад, сенария.

**ФИЛМОНАНД** فیل مانند филнамо, шабеҳи фил, ба монанди фил.

**ФИЛМОТЕКА** *фр.* فیلماتیکه *санъ.* идорае, ки филмҳоро ҷамъ ва нигоҳ медорад.

**ФИЛМСОЗӢ** فیلم سازی 1. таҳия ва омодасозии филм. 2. идораи махсус барои таҳияи филм.

**ФИЛОЛОГ** *ю.* فلالاگ *адш.* олим ва мутахассиси соҳаи филология, суханшинос.

**ФИЛОЛОГИЯ** *ю.* فلالاگیه *адш.* маҷмӯи илмҳое, ки соҳаи забон ва эҷодиёти адабиро меомӯзад, суханшиносӣ.

**ФИЛОЛОГӢ** فلالاگی *адш., мансуб ба* **филология**.

**ФИЛОСОФ** *ю.* فلاساف *ниг.* **файласуф**.

**ФИЛОСОФИЯ** *ю.* فلاسافیه *ниг.* **фалсафа**.

**ФИЛОСОФӢ** فلاسافی *ниг.* **фалсафӣ**.

**ФИЛПОЙ** فیل پای *ниг.* **филбон**.

**ФИЛПОЙӢ** فیل پائی *ниг.* **филбонӣ**.

**ФИЛТАН** فیل تن *маҷ.* бузургҷусса, калонҷусса, таҳамтан.

**ФИЛТР** *англ.* فیلتر *физ.* олат барои соф кардани

моеот, софӣ, софкунак, поло.

**ФИЛТРАТСИЯ** *англ.* فیلترتسیه *физ.* амалиёти соф кардани моеот, софкорӣ, полоиш.

**ФИЛФАВР** *а.* فی الفور фавран, дарҳол, дарзамон, бетаъхир.

**ФИЛФИЛ** فلفل мурчи сиёҳ, мурч.

**ФИЛҲОЛ** *а.* فی الحال даррав, фавран, базудӣ.

**ФИЛХОНА** فیل خانه хонае, ки дар он филро нигаҳбонӣ мекунанд; макони нигоҳдошти фил.

**ФИЛҲАҚИҚАТ** *а.* فی الحقیقت дар ҳақиқат, ҳақиқатан.

**ФИЛҶУМЛА** *а.* فی الجمله 1. хулласи калом. 2. аз ҷумла. 3. умуман.

**ФИНАЛ** *фр.* فنل 1. охир, анҷом, хотима; қисми хотимавии чизе. 2. *варз.* қисми охирини мусобиқаҳои варзишӣ, ки баранда ва ғолиб маълум мешавад.

**ФИНАЛӢ** فنلی охирин, хотимавӣ, **вохӯрии финалӣ** вохурии ниҳоӣ.

**ФИНДУҚ** فندق *кит.* пунбаки гул ва дарахтон аст, ки аз он ҷо барг ва ғунча расида мебароад; **финдуқ бастан** дар баҳорон амал сар кардани гул ва дарахтон.

**ФИНДУҚЗОР** فندقزار анбӯҳи финдуқ.

**ФИНИҚӢ** فینیقی он ки ва он чи мансуб ба Финиқия аст.

**ФИНҶОН** فنجان [*муарраби* **пингон**] пиёлаи дастадори чой ё қаҳвахӯрӣ, шабеҳи истакон ё пиёлаи кӯчак.

**ФИНҶОНӢ** فنجانی *мансуб ба* **финҷон**.

**ФИОЛ** *а.* فعال *ҷ.* **феъл**.

**ФИРДАВС** فردوس 1. боғ, боғи хушу хуррам. 2. биҳишт, ҷаннат.

**ФИРДАВСӢ** فردوسی 1. *мансуб ба* **фирдавс**. 2. аҳли биҳишт, биҳиштӣ. 3. тахаллуси шоири ҷаҳоншумули тоҷику форс Абулқосими Фирдавсӣ, муаллифи «Шоҳнома».

**ФИРЕБ** I فریب 1. *асоси замони ҳозира аз* **фирефтан//фиребидан**. 2. *ҷузъи баъдинаи баъзе калимаҳои мураккаб ба маънии* фиребо, фиребанда: дилфиреб, назарфиреб.

**ФИРЕБ** II فریب макр, ҳила; **фиреб хӯрдан**; фирефта шудан; дар натиҷаи макру ҳилаи касе гумроҳ шудан; **фиреб додан** фирефтан, гӯл задан.

**ФИРЕБАНДА** فریبنده 1. фиребдиҳанда. 2. *маҷ.* дилфиреб, фаттон.

**ФИРЕБАНДАГӢ** فریبندگی 1. фиребдиҳӣ. 2. *маҷ.* дилфиребӣ, фаттонӣ.

**ФИРЕБГАР** فریبگر маккор, ҳилакор, фиребдиҳанда.

**ФИРЕБГАРӢ** فریبگری маккорӣ, ҳиласозӣ, фиребдиҳандагӣ.

**ФИРЕБГАРОНА** فریبگرانه ба роҳи фиребдиҳӣ, фиребона.

**ФИРЕБДИҲАНДА** فریب دهنده *ниг.* **фиребгар**.

**ФИРЕБДИҲӢ** فریب دهی фиреб додан.

**ФИРЕБИДАН** فریبیدن фиреб додан, гӯл задан, дурӯғ гуфтан.

**ФИРЕБКОР** فریب کار *ниг.* **фиребгар**.

**ФИРЕБКОРӢ** فریب کاری *ниг.* **фиребгарӣ**.

**ФИРЕБКОРОНА** فریب کارانه *ниг.* **фиребгарона**.

**ФИРЕБНОК** فریبناک фиребдиҳанда, фиребанда.

**ФИРЕБО** فریبا 1. *маҷ.* бисёр зебо, дилписанд. 2. фирефта.

**ФИРЕБОН** فریبان *ниг.* **фиребонидан**.

**ФИРЕБОНИДАН** فریبانیدن *кит.* фиреб додан.

**ФИРЕБХӮРДА** فریب خورده он ки фиреб хӯрда аст.

**ФИРЕБХӮРӢ** فریب خوری фиреб хӯрдан, ба доми фиреб афтодан.

**ФИРЕФТА** فریفته фиребхӯрда, зиёндида; **фирефта кардан** а) *маҷ.* шефта кардан, мафтун кардан; б) фиреб додан; **фирефта шудан** (ба касе, чизе) а) *маҷ.* шефта шудан, мафтун гардидан; шайдо шудан; б) фиреб хӯрдан.

**ФИРЕФТАН** فریفتن *ниг.* **фиреб додан**.

**ФИРИНӢ** فرینی хӯрокие монанди ҳалво, ки аз шир, орди биринҷ ва шакар пухта мешавад.

**ФИРИСНОФА** فرسنافه *кит.* шаби Наврӯз, шаби соли нав (дар аҳди бостон шаби Наврӯз

фиристодани мушк бар дӯстон одат будааст ва чунин ба назар мерсад, ки ин калима аз фиристнофа яъне **нофа (мушк) фиристодан** ҳосил шудааст).

**ФИРИСТА** فرسته равонакарда, фиристода, вакил, сафир, расул, гумошта, қосид.

**ФИРИСТАНДА** فرستنده он ки касеро ва чизеро ба ҷое мефиристад.

**ФИРИСТОДА** فرستاده *ниг.* **фириста**.

**ФИРИСТОДАН** فرستادن равона кардан, гусел доштан, роҳӣ намудан, ирсол намудан.

**ФИРИСТОНАНДА** فرستاننده *ниг.* **фиристанда**.

**ФИРИСТОДАНӢ** فرستادنی он чи бояд равона карда шавад; **фиристоданӣ шудан** равона кардан хостан, дар фикри фиристодан будан.

**ФИРИСТОН/И/ДАН** فرستاندن//فرستانیدن *ниг.* **фиристодан**.

**ФИРИШТА** فرشته *ниг.* **фаришта**.

**ФИРҚА** *а.* فرقه 1. даста, гурӯҳ, ҷамоате аз мардум, тоифа. 2. *кҳн., ниг.* **ҳизб**.

**ФИРҚАБОЗӢ** فرقه بازی *маҷ.* 1. гурӯҳбозӣ, тоифагароӣ. 2. ҳизбгароӣ.

**ФИРҚАВӢ** فرقوی *мансуб ба* **фирқа**; узви фирқа.

**ФИРҚ-ФИРҚ** فرق فرق *лаҳҷ., маҷ.* гиристан; **фирқ-фирқ кардан** гиря кардан (оҳиста ва бо алам) *ниг.* **фиқ-фиқ**.

**ФИРМА** *фр.* فیرمه *иқт.* муассисаи тиҷоратӣ ё саноатӣ.

**ФИРОҚ** *а.* فراق ҷудоӣ, дурӣ; *муқоб.* **висол**.

**ФИРОҚНОМА** فراق نامه шеъре, ки мӯҳтаво ва мазмунаш иборат аз ҳасрати ҷудоӣ аз ёру диёр аст.

**ФИРОР** *а.* فرار гурехтан, гурез, гурезиш; **фирор кардан** гурехтан.

**ФИРОРӢ** فراری гуреза; **фирорӣ шудан** гуреза шудан.

**ФИРОСАТ** *а.* فراست *ниг.* **фаросат**.

**ФИРРОС** فرّاس *маҷ.* овози маҳини чизе.

**ФИРОШ** *а.* فراش *ниг.* **фарош**.

**ФИРОША** *а.* فراشه *ниг.* **фароша**.

**ФИРОШХОНА** فراشخانه хонаи нигаҳдории фаршҳо (палосҳо, қолинҳо).

**ФИРУН** فیرون бадбахт ва манҳус, идборовар.

**ФИРӮЗ** فیروز 1. комёб, муваффақ; ғолиб, музаффар. 2. муборак, хуҷиста. 3. номи мардона; **бахти фирӯз** *маҷ.* бахти накӯ ва баланд, иқболи хуҷиста; **рӯзи фирӯз** рӯзи муборак, рӯзи неку хушбахтона; **фирӯз будан** муваффақ будан, комёб будан, ғолиб будан; **фирӯз шудан** муваффақ шудан, комёб гардидан; ғолиб шудан, фотеҳ шудан.

**ФИРӮЗА** فیروزه 1. санги гаронбаҳои осмониранг, ки аз он бештар нигини ангуштар мекунанд. 2. номи занона.

**ФИРӮЗАГУН** فیروزه‌گون *маҷ.* кабудранг, осмониранг.

**ФИРӮЗАНИШОН** فیروزه‌نشان 1. заргаре, ки санги фирӯзаро мечаспонад. 2. *ниг.* **фирӯзагун**.

**ФИРӮЗАРАНГ** فیروزه رنگ *ниг.* **фирӯзагун**.

**ФИРӮЗАФОМ** فیروزه‌فام *маҷ.* кабудранг, осмониранг; ◊ **(ин) чархи фирӯзафом** *киноя аз* осмон.

**ФИРӮЗААХТАР** فیروزه‌اختر *маҷ.* хушбахт, накӯтолеъ.

**ФИРӮЗАЧАШМ** فیروزه‌چشم *маҷ.* кабудчашм; **ҷавони фирӯзачашм**.

**ФИРӮЗӢ** فیروزی муваффақият, комёбӣ, музаффарият, ғалаба.

**ФИРӮЗМАНД** فیروزمند бамуродрасида, комёбгардида; фотеҳ, музаффар, ғолиб.

**ФИРӮЗМАНДӢ** فیروزمندی *ниг.* **фирӯзӣ**.

**ФИРӮЗМАНДОНА** فیروزمندانه вижагии он ки ғолиб ва комёб аст; фирӯзӣ ва ғолибият.

**ФИРӮЗРӮЗ** فیروزروز *маҷ.* рӯзи саъд ва хуҷаста.

**ФИРФИРАК** فرفرک *лаҳҷ.* коғазпорае, ки бачаҳо онро ба нӯги ҷӯбе нишонда рӯ ба бод меистанд ё медаванд ва бод онро мегардонад.

**ФИРФИРАКБОЗӢ** فرفرک بازی бозии бачагона.

**ФИРЪАВН** *а.* فرعون 1. унвони подшоҳони Мисри Қадим. 2. *маҷ.* одами золиму ситамкор.

**ФИРЪАВНӢ** فرعونی он чи мансуб ба фиръавн

аст; **даъвои фиръавнӣ кардан** такаббур кардан, худнамоӣ кардан; худро калон нишон додан.

**ФИС** فس луобе, ки аз димоғ мешорад; **фиси бинӣ** оби бинӣ.

**ФИСАД** فی‌صد ҳисса, қисм, фоиз, дарсад.

**ФИСАДӢ** فی‌صدی *мансуб ба* **фисад**.

**ФИСИН** فسین 1. *лаҳҷ.* он ки оби димоғаш мерезад, фисаш резон. 2. *маҷ.* ҳақир, нотавон.

**ФИСҚ** *а.* فسق берун шудан аз роҳи хақ ва дуруст, кардани корҳои ношоям, бадахлоқӣ, зинокорӣ; **фисқу фуҷур** бадахлоқӣ ва табаҳкорӣ.

**ФИСЛИҚ** فسلق *гуфт., маҷ.* оби бинӣ.

**ФИСМИРӢ** فسمیری *гуфт.* маблағи хеле кам, маблағи ночиз.

**ФИСФИСАК** فسفسک *гуфт. , маҷ.* шахси содаи ҳақир; ◊ **фисфисаки мавизкӯбак** *гуфт.* хаппаки ба кори худ ҳушёр, маккори зоҳиран содадил, муғамбири дарундори зоҳиран ором.

**ФИТНА** *а.* فتنه 1. ошӯб, балво, ситеза. 2. иғво, иғвогарӣ. 3. иғвогар; **фитнаи ғайбаткор**; **фитна хестан** ошӯб барпо шудан, балво сар шудан.

**ФИТНААНГЕЗ** فتنه انگیز он ки ва он чи мӯҷиби эҷоди фитна мешавад, ошӯбгар, вайронкор.

**ФИТНААНГЕЗӢ** فتنه انگیزی ошӯбгарӣ, иғвогарӣ, вайронкорӣ.

**ФИТНАГАР** فتنه گر *ниг.* **фитнаангез**.

**ФИТНАГАРӢ** فتنه گری *ниг.* **фитнаангезӣ**, амали фитнагар; иғвоангезӣ, вайронкорӣ, ошӯбгарӣ.

**ФИТНАКОР** فتنه کار *ниг.* **фитнагар**.

**ФИТНАХОНА** فتنه خانه *маҷ.* маҳал ва манбаи фитна.

**ФИТНАҶӮ** فتنه جو он ки дар паи ошӯб барангехтан аст, он ки ҷӯёи ошӯб аст; фитнаангез.

**ФИТОДА** فتاده 1. афтода, аз боло ба поён фурӯшуда. 2. *маҷ.* оҷиз, нотавон, забун.

**ФИТОДАН** فتادن *ниг.* **афтодан**.

**ФИТР** *а.* فطر кушодани рӯза; **иди фитр** иди тамом шудани моҳи шарифи рамазон; **фитри рӯза** он чӣ аз садақот, ки рӯзадорон ба рӯзи иди фитр ба мӯҳтоҷон бидиҳанд.

**ФИТРАТ** I *а.* فطرت 1. офариниш, хилқат. 2. табиат, сифат ва хислати табии инсон; сиришт. 3. ақл, заковат.

**ФИТРАТ** II *а.* فترت *ниг.* **фатрат** 2.

**ФИТРӢ** فطری зотӣ, табиӣ, ҷибиллӣ: **фаросати фитрӣ**, **хислати фитрӣ**.

**ФИТРОК** فتراک *кит.* тасмаи чармине, ки барои бастани ҷонварони шикоршуда ва ё чизҳои дигар аз росту чапи зини асп меовезанд.

**ФИХ-ФИХ** فخ فخ *ниг.* **фиқ-фиқ**, бо овози паст гиристан.

**ФИШАНГ** فشنگ *ниг.* **фашанг**.

**ФИШОНДАН** فشاندن *ниг.* **афшондан**.

**фишор** فشار *асоси замони ҳозира аз* фишурдан // фишордан.

**ФИШОР** فشار 1. вазнинӣ ва тазйиқе, ки бар рӯи чизе фурӯ омада бошад. 2. *маҷ.* зӯр, ҷабр, ситам; **фишори ҳаво** тазйиқи ҳаво; **фишори хун** тазйиқи хун, ғалаёни хун; **фишор додан** фишурдан, тазйиқ ворид овардан, зеру пахш кардан; **фишор овардан** зӯрӣ кардан, пахш кардан, ба зӯрӣ ба иҷрои коре водор сохтан.

**ФИШОРДАН** فشاردن *ниг.* **фишурдан**.

**ФИШОРДИҲАНДА** فشاردهنده тазйиқдиҳанда; зӯроваранда ба чизе, тангкунанда.

**ФИШОРДИҲӢ** فشاردهی фишор додан, тазйиқ додан, зер кардан, танг овардан.

**ФИШОРНИГОР** فشارنگار *физ.* асбобе, ки фишорро сабт мекунад, василаи сабти фишор.

**ФИШОРОВАРӢ** فشارآوری 1. *физ. мансуб ба* **қувваи фишор**. 2. *с.* зӯроварӣ, тазйиқ.

**ФИШОРСАНҶ** فشارسنج *физ.* василаи ченкунӣ ва андозагирии фишор.

**ФИШУРДА** فشرده 1. тазйиқдода, зеркарда, батанговарда: **гази фишурда**. 2. баёни мухтасар, мухтасар, **фишурдаи мақола**.

**ФИШУРДАН** فشردن *ниг.* **фушурдан**.

**ФИШУРДАШАВАНДАГӢ** فشرده‌شوندگی вижагии он чи ки қобили фишурдан аст.

**ФИШ-ФИШ** فش فش *лаҳҷ., овози тақлидии тасвири* нафасгирӣ.

**ФИШШОС** فشاس *овози тақлидии* нафасгирӣ ё нафасбарории чизе, ки ба талаффузи давомдори садои «ш» монанд аст (*мас. садои мор, садои об*): **фишшос задан**.

**ФИШШОСЗАНӢ** فشاس زنی вижагии он ки ва он чи фишшос мезанад: **фишшосзании мор**.

**ФЛЕГМАТИК** *ю.* فلیگمتیک *тиб.* 1. як навъи миҷоз. 2.одами карахти дар рафтор вазнин, балғаммизоҷ.

**ФЛЕКСИЯ** *лот.* فلیکسیه *збш.* 1. ҳиссаи охири тағйирёбандаи калима, бандак. 2. тасриф, қоидаи калимасозӣ бо роҳи тағйир додани бандакҳо.

**ФЛЕКТИВӢ** فلیکتیوی он чи мансуб ба флексия аст; **забонҳои флективӣ** забонҳое, ки ба воситаи таркибҳои дохили калима маъноҳои нав месозанд.

**ФОЕҲ** *а.* فائح 1. бӯйихушдиҳанда, хушбӯйибахш. 2. *маҷ.* паҳнкунанда, мунташир.

**ФОЖ(А)** فاژ//فاژه хамёза.

**ФОЖИДАН** فاژیدن хамёза кашидан.

**ФОЗИЛ** *а.* فاضل 1. соҳиби фазилат, фазилатманд, донишманд, доно. 2. барзиёд, афзун. 3. афзалтар, беҳтар.

**ФОИДА** *а.* فائده 1. суд, нафъ, манфиат. 2. *иқт.* баҳрае, ки қарздиҳанда аз қарзгиранда изофа мегирад, рибо, суд; **фоидаи пул** маблағе, ки суддиҳанда аз судгиранда меситонад, рибо; **фоида бахшидан** нафъ расондан; судманд шудан; **фоида бурдан** истифода кардан, манфиатдор шудан; фоида дидан нафъ бурдан, фоидаманд шудан; **фоидаи худро дидан** дар коре манфиати худро ба назар гирифтан, ба эътибори нафъи худ кореро анҷом додан; **фоида дидан** *ниг.* **фоида бахшидан**; **ба фоида додан** маблағеро ба касе бо изофаи суд ба қарз додан; **фоида доштан** нофеъ будан, судманд будан; **фоида кардан** суд бахшидан, манфиат расондан, нафъ дидан; **ба фоида мондан** (маблағеро) *ниг.* **ба фоида додан**; **фоидаи** *касе* **ба** *касе* **расидан** барои касе аз ягон ҷиҳат нафърасон будан; расидани нафъ ба касе; **фоида расондан** барои коре нофеъ ва судманд будан; **аз фоида холӣ набудан** фоиданок будан, фоидае доштан, бенафъ набудан.

**ФОИДАБАРДОР** فائده بردار он ки аз коре нафъе ба даст медарорад; **фоидабардор шудан** аз коре манфиат гирифтан, истифода кардан.

**ФОИДАБАРӢ** فائده‌بری судбарӣ, манфиатситонӣ.

**ФОИДАБАХШ** فائده بخش судманд, нафърасон, натиҷаи хубдиҳанда, он ки ё он чи аз он суде ба даст меояд.

**ФОИДАБАХШӢ** فائده‌بخشی суддиҳӣ, манфиатрасонӣ.

**ФОИДАГАРӢ** فائده گری *ниг.* **фоидабарӣ**.

**ФОИДАДЕҲ** فائده ده *ниг.* **фоидабахш**.

**ФОИДАДИҲАНДА** فائده دهنده *ниг.* **фоидабахш**.

**ФОИДАДОР** فائده دار он ки ва он чи бар касе ва бар чизе фоида мерасонад, манфиатбахш.

**ФОИДАДОРӢ** فائده داری вижагии он ки ва он чи фоида дорад.

**ФОИДАКОР** فائده کار *ниг.* **фоидабахш**.

**ФОИДАМАНД** فائده‌مند *ниг.* **фоидабахш**; **фоидаманд шудан (аз** *чизе***)** истифода кардан, кор фармуда нафъ ба даст даровардан.

**ФОИДАНОК** فائده ناک судманд, нафърасон; **кори фоиданок** коре, ки аз он нафъе ба даст меояд.

**ФОИДАНОКӢ** فائده ناکی *ниг.* **фоидабахшӣ**.

**ФОИДАОВАР** فائده آور он ки ва он чи бар касе ва бар чизе фоида меоварад.

**ФОИДАОВАРӢ** فائده آوری вижагии он ки ва он чи фоида меоварад.

**ФОИДАРАСОН** فائده رسان *ниг.* **фоидабахш**.

**ФОИДАРАСОНӢ** فائده رسان *ниг.* **фоидабахшӣ**.

**ФОИДАСИТОН** فائده ستان фоидагир, гирандаи фоида, судситон.

**ФОИДАСИТОНӢ** فائده‌ستانی фоидагирӣ, ба даст овардани фоида, судситонӣ.

**ФОИДАТАЛАБ** فائده‌طلب он ки ба коре бо мақсади ҳосил кардани суде иқдом мекунад, нафъҷӯй.

**ФОИДАХӮР** فائده خور рибохор, ба суддиҳандаи

пул, судхӯр.

**ФОИДАХӮРӢ** فائده خوری рибохорӣ, судхӯрӣ.

**ФОИДАҶӮӢ** فائده جوئی вижагии он ки дар коре ҷиҳати фоидаи ҷустан иқдом мекунад.

**ФОИДАҶӮЙ** فائده جوی он ки дар ҳама ҷо дар пайи нафъе, фоидае мебошад, *ниг.* **фоидаталаб**.

**ФОИДАШАРИК** فائده شریک муомилае, ки дар он нафъи ҳосилшуда дар байни шарикон тақсим меёбад.

**ФОИЗ** I *а.* فائض 1. *иқт.* барзиёд, зиёдатӣ, дарсад; саршор, лабрез; фаровон. 2. файзбахш. 3. файзёб, баҳравар.

**ФОИЗ** II *а.* فائز 1. расанда, ноилшаванда; **фоиз шудан** (**гаштан**) муваффақ шудан, комёб шудан. 2. раҳоиёфта, растагор, халосшуда.

**ФОИҚ** *а.* فائق 1. он ки фавқи ҳама чиз бошад, болотар, бартар; беҳтарин, баргузидатарин; беҳтар, афзал. 2. ғолиб, забардаст.

**ФОИЛ** *а.* فاعل 1. кунанда, омил, соҳиби ҳаракату кор, анҷомдиҳандаи кор. 2. *грам.* мубтадо (субъект); *муқоб.* **мафъул**; **фоилу мафъул** мубтадо ва пуркунанда; **фоилу мунфаил** фоилу мафъул, кунанда ва кардашуда.

**ФОЙТУН** *ю.* فایتون *кҳн.* аробаи чорчархаи одамкашонӣ, ки онро асп мекашад.

**ФОЙТУНЧӢ** فایتونچی *кҳн.* ронандаи фойтун.

**ФОКУС** *фр.* فاکس *санъ.* найранг, шӯъбада, ки тарзи иҷрояш тамошобинро ба ҳайрат меандозад, чашмбандӣ, сеҳр, соҳирӣ.

**ФОҚА** *а.* فاقه *кит.* фақр; камбағалӣ, нодорӣ, тангдастӣ, мӯҳтоҷӣ, тиҳидастӣ, эҳтиёҷмандӣ.

**ФОЛ** *а.* فال 1. амали хурофие, ки ба воситаи он кор ё ҳоле (ба некӣ ё бадӣ) гӯё пешбинӣ карда мешавад. 2. шугун; бовар; чизе ё ҳодисаеро нишони некӣ ё бадӣ шумурдан; **фоли нек гирифтан (шумурдан)** шугуни нек ҳисоб кардан; **фол дидан** бо амали махсус ояндаи касе ё techкореро пешгӯӣ кардан; **фол задан** *маҷ.* тасодуферо пешакӣ нишонаи оқибати нек ё бади коре ҳисоб кардан; **фол кушодан** *ниг.* **фол дидан**; **фол кушоёндан** *маҷ.* ба назди фолбин рафта фол дидан (бинондан).

**ФОЛБИН** فال بین он ки фол мегӯяд, баёнкунандаи фол, шугунгӯ, шугунгар.

**ФОЛБИНӢ** فال بینی фолгӯӣ, амали фолбин.

**ФОЛГИР** فال گیر *ниг.* **фолбин**.

**ФОЛГИРӢ** فال گیری *ниг.* **фолбинӣ**.

**ФОЛГӮӢ** فال گویی *ниг.* **фолбинӣ**.

**ФОЛГӮЙ** فال گوی *ниг.* **фолбинӣ**.

**ФОЛЗАН** فال زن *ниг.* **фолбин**.

**ФОЛЗАНӢ** فال زنی *ниг.* **фолбинӣ**.

**ФОЛИҶ** *а.* فالج 1. гирифтори бемории фалаҷ, он ки қисме ё ҷузве аз танаш фалаҷ шуда аз ҳиссу ҳаракат бозмондааст.

**ФОЛКЛОР** *англ.* فالکلار 1. эҷодиёти даҳонии халқ. 2. маҷмӯи одатҳо, маросимҳо, афсона ва сурудҳои оммаи мардум.

**ФОЛКЛОРӢ** فالکلاری *мансуб ба* **фолклор**; адабиёти шифоҳии халқ.

**ФОЛКЛОРШИНОС** فالکلارشناس мутахассиси эҷодиёти шифоҳии халқ.

**ФОЛКЛОРШИНОСӢ** فالکلارشناسی илм дар бораи эҷодиёти даҳонии халқ ва одобу русуми он; илме, ки мавзӯи мавриди баҳси он фолклор аст.

**ФОЛКУШО** فال کشا *ниг.* **фолбин**.

**ФОЛКУШОӢ** فال کشایی *ниг.* **фолбинӣ**.

**ФОЛНОМА** فال نامه китоб ё рисолае, ки дар он роҳу тариқи фолгирӣ навишта шудааст.

**ФОМ** I فام ранг, намо; сиёҳфом, сиёҳранг.

**ФОМ** II فام *шакли дигари* **вом**; **фом тӯхтан** қарзро пардохтан.

**ФОМИЛ//ФОМИЛӢ** *англ.* فامیل//فامیلی *гуфт.* навъе аз чой, чои сиёҳ.

**ФОН** *фр.* فان он қисми сатҳ, ки дар он унсур ё ашёи асосӣ тасвир кашида мешавад.

**ФОНА** فانه 1. оҳани нӯктезе, ки барои осонтар кафондани ҳезум ва ғӯлачӯб кор фармуда мешавад. 2. чӯбаке, ки барои устувории сутун, қолиби кафш ва *г.* ба зер ё мобайни онҳо зада мешавад; **фона задан** бо воситаи фона сахт ҷафс ё устувор кардани чизе.

**ФОНАЗАНӢ** فانه زنی ба чӯб, ҳезум *ва г.* фона гузошта таранг кардан.

**ФОНАМОНАНД** فانه مانند он чи шабеҳи фона аст; чӯби фонамонанд.

**ФОНАШАКЛ** فانه شکل *ниг.* **фонамонанд**.

**ФОНЕМА** *ю.* فانیمه *зби.* овоз, ки дар калима маъноро дигар мекунад.

**ФОНЕНДОСКОП** *ю.* فانینداسکاپ *тиб.* абзоре, ки ба воситаи он задани дил ва садои ҳаракати шушро гӯш мекунанд.

**ФОНЕТИКА** *ю.* فانیتیکه *зби.* як соҳаи илми забоншиносӣ, ки сохти овозии забонро меомӯзад; таркиби садоии забон; савтиёт, овошиносӣ.

**ФОНЕТИКӢ** فانیتیکی он чи мансуб ба фонетика аст.

**ФОНИД//ФОНИЗ** *а.* فانید//فانیذ қанди сафед, шакари сафед, навъе аз ҳалво.

**ФОНӢ** *а.* فانی фаношаванда, нестшаванда, нобудшаванда, заволпазир, бебақо; **дунёи фонӣ** дунёи бебақо.

**ФОНОЛОГИЯ** *ю.* فانالاگیه илм дар бораи ташхиси овоз.

**ФОНУС** *ю.* فانوس олате, ки аз филиз, шиша *ва г.* сохта ба дарунаш шамъ ё чароғ афрӯхта дар ҷое меовезанд ё бо худ мебаранд; ◊ **фонуси хаёл** а) фонусе, ки ба даруни он суратҳо мекашанд ва он суратҳо бо таъсири гармӣ ва дуд ба ҳаракат меоянд; б) *адш., маҷ.* санъати истиора дар маънои хаёлоти рангин ва хуби шоирона.

**ФОРАМ** فارم гуворо, дилкаш, дилнишин; **боди форам** боди хуш, боди дилнишин.

**ФОРАМӢ** فارمی гуворо будан, дилкашӣ, дилнишинӣ.

**ФОРИҒ** *а.* فارغ 1. халосшуда, наҷотёфта, озод, осуда, ором; **фориғ кардан** осуда кардан, хотирҷамъ кардан. 2. бепарво, бехабар. 3. осуда, хуш, осудахотир, хотирҷамъ; **фориғ шудан** озод шудан аз чизе, осуда шудан аз ташвиш.

**ФОРИҒБОЛ** فارغبال *маҷ.*, осудахотир, осудадил, хотирҷамъ.

**ФОРИҒБОЛӢ** فارغبالی *маҷ.* осудахотирӣ, хотирҷамъӣ, осудадилӣ.

**ФОРИҒБОЛОНА** فارغبالانه *маҷ.* бо хотири ҷамъ, бо хотири осуда, осудадилона.

**ФОРИҒДИЛ** فارغدل *маҷ.* осудадил, хушдил, бепарво.

**ФОРИҒДИЛӢ** فارغدلی осудадилӣ, оромӣ, бепарвоӣ.

**ФОРИҒӢ** فارغی 1. осудагӣ, хотирҷамъӣ. 2. бепарвоӣ, оромӣ.

**ФОРИҒУТТАҲСИЛ** *а.* فارغ التحصیل он ки аз таҳсил озод гаштааст, хатмкардаи таҳсил.

**ФОРИДАН** فاریدن хуш омадан, гуворо будан.

**ФОРИҚ** *а.* فارق аз ҳам ҷудокунанда, фарқ гузоранда, тамйиздиҳанда. миёни ҳақ ва ботил.

**ФОРИС** *а.* فارس *кит.* асптоз, аспсавор.

**ФОРИСӢ** فارسی аспсаворӣ, асптозӣ.

**ФОРМАЛИЗМ** *лот.* فارملیزم 1. риояти шакли берунӣ дар ягон кор ба зарари моҳияти он. 2. *санъ., адш.* ҷараёне дар санъат, адабиёт ва илмҳои дигар, ки фақат ба шакл аҳамияти асосӣ дода, мазмуни ғоявиро ба эътибор намегирад; шаклпарастӣ, зоҳирписандӣ, шаклгароӣ.

**ФОРМАЛИН** *фр.* فارملین *хим.* моддаи зидди уфунӣ, ки бӯи тунде дорад.

**ФОРМАЛИСТ** *фр.* فارملیست пайрави ҷараёни формализм, шаклгаро, зоҳирпараст.

**ФОРМАЛИСТӢ** فارملیستی *мансуб ба* **формализм**.

**ФОРОНИДАН//ФОРОНДАН** فارانیدن// فاراندن 1. *тарзи бавоситаи* **форидан**. 2. хуш қабул кардан.

**ФОРС** فارس 1. он ки ба забони порсӣ - форсӣ гап мезанад. 2. як қисми сарзамини ҳозираи Эрон, вилояти Форс, ки аз халиҷи Форс сар карда Кирмон, Хузистон, Язд, Исфаҳон ва чанд ноҳияти дигарро дар бар мегирад.

**ФОРСИГӮЙ** فارسی گوی он ки бо забони форсӣ такаллум мекунад, форсизабон.

**ФОРСИЗАБОН** فارسی زبان *ниг.* **форсигӯй**.

**ФОРСӢ** فارسی [*муарраби* **порсӣ**] 1. *мансуб ба* **форс**; **забони форсӣ**. 2. мансуб ба Эрон ва

қавмҳои эронинажод.

**ФОРТЕПИАНО** *ит.* فارتيپيَنا *санъ.* олати мусиқавии торӣ, ки ба воситаи зер кардан ба клавишҳо ба садо медарояд.

**ФОРУМ** *лот.* فارم 1. майдони баромадҳои оммавӣ дар Рими қадим. 2. ҷамъомад, анҷуман, ҷашнвора.

**ФОРУҚ** *а.* فاروق *ниг.* **форик**.

**ФОСИД** *а.* فاسد вайроншуда, гандида; фасодёфта.

**ФОСИҚ** *а* فاسق бадахлоқ, бадкор; бадкирдор.

**ФОСИҚӢ** فاسقى бадкорӣ, табаҳкорӣ, бадахлоқӣ; зинокорӣ.

**ФОСИҚОНА** فاسقانه бадкорона, бо ахлоқи бад, фосиқвор, ҳамчун фосиқ: **амали фосиқона**, **рафтори фосиқона**.

**ФОСИЛА** *а.* فاصله вақт ва масоҳати байни ду чиз, масофати миёни ду чиз.

**ФОСИЛАВӢ** فاصلوى ҳар чи ки бо фосила аст, фосиладор, масофадор.

**ФОСИЛАДОР** فاصله دار дорои фосила, ду ё чанд чиз, ки аз ҳам фосила доранд.

**ФОСИЛАСАНҶ** فاصله سنج дастгоҳи махсус барои муайян кардани мизони дурӣ ва масофа.

**ФОСФОР** *ю.* فاسفار унсури химиявӣ, ки зуд шӯълавар мешавад; моддаи дар торикӣ равшанидиҳанда, ки дар баъзе маъданҳо ва устухони ҷисмҳои зинда мавҷуд аст.

**ФОСФОРИТ** *ю.* فاسفاريت *хим.* як хел маъдани зардча ё бӯрранг, ки дар таркибаш оҳаки асиди фосфат дорад ва дар зироат ҳамчун нурӣ кор фармуда мешавад.

**ФОТЕҲ** *а.* فاتح 1. фатҳкунанда, кушоянда. 2. ғолиб, зафарёб; **фотеҳ шудан** ғалаба кардан, музаффар гардидан (ба душман).

**ФОТЕҲА//ФОТИҲА** *а.* فاتحه 1. оғоз ва ибтидои коре, аввали ҳар чизе; **фотеҳа гирифтан** дар оғози коре барои пешрафти он дуои хайр гирифтан; **фотеҳаи сафед (додан)** нияти нек, дуои хайр кардан барои пешрафт ва хайрияти коре дар оғози он; **фотеҳа кардан** духтареро ба ҷавоне номзад кардан; **фотеҳа хондан** дар маҷлиси сӯгворӣ дар ҳаққи арвоҳи гузаштагон дуои хайр кардан.

**ФОТЕҲОНА** فاتحانه фирӯзмандона, бо музаффарият, ғолибона.

**ФОТИҚ** *а.* فاتق 1. шикофанда, кушоянда. 2. *маҷ.* ҳалкунанда, иҷрокунандаи тадбирҳо ва умурот.

**ФОТИН** *а.* فاتن *кит.* дилбар, дилкаш, дилрабо, ҷозиб, фаттон.

**ФОТИР** I *а.* فاتر суст, забун, нотавон; **хотири фотир** зеҳни кунд, хотир ва зеҳни заиф.

**ФОТИР** II *а.* فاطر холиқ, халқкунанда, халлоқ, офаринанда, офаридгор ҳаётбахш; **саҳоби фотир** абри ҳаётбахш .

**ФОТИҲА** *а.* فاتحه *д. ниг.* **фотеҳа**.

**ФОТИҲАДИҲАНДА** فاتحه دهنده дуодиҳанда, дуогӯй.

**ФОТИҲАХОНӢ** فاتحه خوانى хондани дуои хайр дар ҳаққи рӯҳи марҳум.

**ФОТОНАВОР** فاتانوار *санъ.* навор ва аксе, ки тавассути дастгоҳи аккосӣ бардошта мешавад.

**ФОТОНУСХА** فاتانسخه нусхае, ки аксбардорӣ шудааст.

**ФОТОСИНТЕЗ** *фр.* فاتاسينتيز *бот.* падидае, ки дар он гиёҳони сабз бо истифода аз нерӯи офтоб моддаҳои органикӣ тавлид мекунанд.

**ФОТОСФЕРА** *фр.* فاتاسفيره *нуҷ.* равшантарин қисмати дидории Офтоб, ки то умқи 400 км. аз сатҳи он имтидод дорад.

**ФОТОХИМИЯ** *фр.* فاتاخيميه *хим.* соҳае аз илми химия, ки асари нурро бар вокунишҳо – аксуламалҳои химиявӣ баррасӣ мекунад.

**ФОХИР(А)** *а.* فاخر(ه) 1. фахркунанда. 2. *маҷ.* ҳар чизи нағз ва гаронбаҳо, ки боиси фахр аст; олӣ, бошукӯҳ: либоси фохир.

**ФОХТА** فاخته мусича, қумрӣ, куку.

**ФОҲИШ** *а.* فاحش қабеҳ, зишт, дар бадӣ аз ҳад гузаранда; **ғалати фоҳиш** ғалати бисёр ошкор.

**ФОҲИША** I *а.* فاحشه *муаннаси* **фоҳиш**; зани сабукпо, зани зинокор, тардоман.

**ФОҲИША** II *а.* кори зишт, кори бад, бадкорӣ.

**ФОҲИШАБОЗ** فاحشه‌باز марде, ки бо фоҳишаҳо зинокорӣ мекунад.

**ФОҲИШАГӢ** فاحشگی фаҳш, бадахлоқӣ, машғул будан бо зинокорӣ.

**ФОҲИШАХОНА** فاحشه‌خانه маконе, ки дар он занони фоҳиша фаъолият мекунанд.

**ФОЧЕА** *а.* فاجعه *ниг.* **фоҷиа**.

**ФОҶИА** *а.* فاجعه 1. бало, мусибат, ҳодисаи ногувор, фалокати андӯҳовар. 2. *адш.* асари драмавие, ки қаҳрамони он дар мубориза нобуд мешавад, трагедия.

**ФОҶИААНГЕЗ** فاجعه‌انگیز мусибатнок, андӯҳовар.

**ФОҶИАВӢ** فاجعوی *мансуб ба* **фоҷиа**; фоҷианок, андӯҳовар.

**ФОҶИАГОҲ** فاجعه‌گاه ҷое, ки фоҷиае воқеъ гардидааст.

**ФОҶИАНАВИС** فاجعه‌نویس муаллифе, ки ба эҷоди асарҳои фоҷиавӣ машғул аст.

**ФОҶИАНОК** فاجعه‌ناک андӯҳовар, мудҳиш, пур аз бало ва азобу уқубат.

**ФОҶИАОВАР** فاجعه آور он чи мӯҷиби эҷод ва ҳастии фоҷиа мегардад.

**ФОҶИАОМЕЗ** فاجعه آمیز *ниг.* **фоҷиаангез**.

**ФОҶИОНА** فاجعانه ваҳшатнок; *ниг.* **фоҷианок**; **манзараи фоҷиона** манзарае, ки боиси ваҳшат ва андӯҳ мегардад ва фоҷеаро намудор мекунад.

**ФОҶИР** *а.* فاجر *кит.* табаҳкор, бадкор, бадахлоқ, фосиқ, зинокор.

**ФОҶИРӢ** فاجری бадахлоқӣ, фосиқӣ.

**ФОШ** فاش ошкоро, зоҳир; машҳуршуда, маъруф; **фош гардидан (шудан)** ошкор шудан, ба ҳама маълум гардидан, интишор ёфтан; **фош гуфтан** суханеро бе ибо ошкоро баён кардан: **фош кардан** ошкор кардан, кушода ба майдон ниҳодан, паҳн кардан (сирре, хабареро).

**ФОШКУНАНДА** فاش‌کننده он ки ошкор ва маълум мекунад (сирре ё ҷиноятерро).

**ФОШОФОШ** فاشافاش ошкоро, рӯирост, кушод; **фошофош гуфтан** (суханеро) бе ибо кушоду ошкоро ба ҳама маълум кардан.

**ФРАГМЕНТ** *фр.* فرگمینت порча, пора; парда.

**ФРАЗЕОЛОГИЗМ** *ю.* فرَزیالاگیزم ибора ва таркибҳои рехта.

**ФРАЗЕОЛОГИЯ** *ю.* فرزیالاگیه соҳаи илми забоншиносӣ, ки ибора ва таркибҳои устувори рехтаро меомӯзад.

**ФРАЗЕОЛОГӢ** فرزیالاگی *мансуб ба* **фразеология**.

**ФРАКСИЯ** *фр.* فراکسیه *с.* дастае аз аъзои як ҳизб ё гурӯҳи сиёсии ҳамфикр, ки барои дастёбӣ ба ҳадафҳои муайян фаъолият мекунанд; гурӯҳи ҷудошуда дар дохили ҳизби сиёсӣ.

**ФРУКТОЗА** *лот.* فروکتازه *хим.* қанди мева, навъи қанди шашкарбона, ки дар меваҳои ширин ва расида, асал ва шохаи гул ба мушоҳида мерасад.

**ФТОР** *ю.* فتار *хим.* унсури химиявӣ.

**ФУ** *ю.* فو 1. *бот.* гиёҳи сунбулуттиб. 2. *гуфт.* *кӯтоҳшудаи* **туфу**.

**ФУВОҚ** *а.* فواق ҳиққос, ҳиққичоқ.

**ФУГОН** فوگان нӯшокии кайфовар, ки аз ҷав ва биринҷ тайёр мешавад.

**ФУЗАЛО** *а.* فضلا *ҷ.* **фозил**.

**ФУЗОЛА** *а.* فضاله чизи зиёдатӣ, боқимондаи чизе.

**ФУЗУДАН** فزودن *ниг.* **афзудан**.

**ФУЗУЛ** *а.* فضول он ки бесабаб ба кори дигарон мудохила мекунад; забондароз, пургӯй.

**ФУЗУЛӢ** فضولی *кит.* сергапӣ, забондарозӣ.

**ФУЗУН** فزون *ниг.* **афзун**; **аз ҳад фузун** аз ҳад зиёд.

**ФУЗУНГӮЙ** فزون‌گویی сергапӣ, сухан бисёр гуфтан.

**ФУК** فوک *гуфт.* гирдогирди даҳони чорпоён, пӯз, пӯза.

**ФУҚАРО** *а.* فقرا 1. *ҷ.* **фақир**. 2. раийят, тобеъ, табаа (и як давлат ё мамлакат).

**ФУҚАРОӢ** فقرایی *мансуб ба* **фуқаро**; одамони одӣ.

**ФУҚАРОПАРВАР** فقراپرور раийятнавоз, он ки ғами фақирон ва тобеони худро мехӯрад.

**ФУҚАҲО** *а.* فقها *ҷ.* **фақеҳ**.

**ФУҚДОН** فقدان 1. гум кардан, аз даст додан; гум шудан, аз даст рафтан. 2. набудан, дастнорас будан.

**ФУҚОЪ** *а.* فقاع *ниг.* **фуғон**.

**ФУЛК** *а.* فلک *кит.* киштӣ.

**ФУЛОД** فولاد *муарраби* **пӯлод**.

**ФУЛОН** فلان *ниг.* **фалон**.

**ФУЛС** *а.* فلس *ниг.* **фалс**.

**ФУЛУС** *а.* فلوس *ҷ.* **фалс;** пули сиёҳ, сиккаи мисӣ.

**ФУЛФУЛ** فلفل *ниг.* **филфил**.

**ФУНДУҚ** فندق донаи гирди майда аз ҷинси ҷавз; мағзи донаи фундуқ.

**ФУНКСИЯ** *лот.* فونکسیه кори узви бадан; *маҷ.* кор, вазифа, ӯҳдадорӣ.

**ФУНУДАН** فنودن фанд кардан, фиребидан, фирефтан.

**ФУНУН** *а.* فنون *ҷ.* **фан**, **фанҳо**.

**ФУОД** *а.* فؤاد *кит.* дил, қалб.

**ФУРЗА(Т)** *а.* فرضه//فرضت 1. ҷои даромадани киштӣ ба дарё, ҷои савор шудан ба киштӣ, бандар. 2. боҷхона, гумрук.

**ФУРҚАТ** *а.* فرقت 1. *кит.* ҷудоӣ, дурӣ, фироқ, ҳиҷрон.

**ФУРОВАРД** فراورد *ниг.* **фаровард**; **дар фуроварди маҷлис** дар хотимаи маҷлис, дар поён ва анҷомёбии маҷлис.

**ФУРОВАРДАН** فراوردن 1. поин овардан, фурӯ овардан; пиёда кардан (чизе ё касеро аз чое, масалан асп ё ароба *ва г.*). 2. *маҷ.* хатм кардан, хонда ба итмом расонидан; **Қуръон фуровардан** хатми Қуръон; **гардан (сар) фуровардан** *маҷ.* таслим шудан; итоат кардан; **келин фуровардан** *маҷ.* ба хонаи худ арӯс овардан, писари худро зандор кардан; **аз мансабе (вазифае) фуровардан** аз коре холӣ кардан, маъзул намудан, аз вазифае барканор намудан; **мушт фуровардан** мушт задан.

**ФУРОМАД** فرامد 1. *асоси замони гузашта аз* **фуромадан**. 2. пастӣ, хамӣ, нишебӣ.

**ФУРОМАДАН** فرامدن 1. фурӯ омадан, аз боло поин шудан, ба зер омадан. 2. ба хонаи касе ворид шудан, дар ҷое манзил кардан. 3. паст шудан, пасанда шудан, кам шудан *мас.,* оби дарё; **аз шаст (ғазаб, ҷаҳл) фуромадан** *маҷ.* паст шудани шаст, таскин ёфтани ғазаб; **аз қувват фуромадан** *маҷ.* камқувват шудан, нотавон шудан; **торикӣ фуромадан** торик шудани осмон, шаб шудан.

**ФУРОМАДГОҲ** فرامدگاه 1. маҳалли поин фуромадан. 2. *маҷ., ниг.* **фурудгоҳ**.

**ФУРС** فرس эронӣ; форсӣ; забони форсӣ.

**ФУРСАТ** *а.* فرصت 1. вақти мусоид барои анҷом додани коре, лаҳзаи мувофиқ, ҳангоми муносиб. 2. вақт, муддат, як қадар вақт; **дар андак фурсат** ба гузашти андак вақт; **фурсатро гузарондан** вақтро талаф кардан, мавриди муносибро аз даст додан, кореро дар мавриди мусоид иҷро накардан; **фурсат додан** имкон додан, ба касе барои адои коре вақти мусоид фароҳам овардан; **фурсатро аз даст додан** аз шароити мусоид истифода набурдан, мавриди муносибро беҳуда талаф кардан; **фурсат донистан** ғанимат шумурдани вақт ва имкониятеро ба иҷрои коре; **фурсат ёфтан** мавқеи муносиб пайдо кардан ба иҷрои коре; даст ёфтан; **фурсат расидан** вақти мусоид фароҳам омадан барои иҷрои коре; **фурсатро ғанимат донистан (шумурдан)** вақти мусоидро аз даст надодан ва ба ҳисоб гирифтан.

**ФУРСАТТАЛАБ** فرصت طلب он ки барои иҷро ё ба итмом расонидани коре вақт талаб мекунад.

**ФУРСАТТАЛАБӢ** فرصت طلبی амали фурсатталаб.

**ФУРСАТТАЛАБОНА** فرصت طلبانه хусусияти он ки ҷиҳати иҷрои коре фурсат мехоҳад.

**ФУРСАТҶӮӢ** فرصتجویی :**фурсатҷӯӣ кардан** барои иҷро коре дар кофтукови вақт ва шароити мусоид будан.

**ФУРСАТҶӮЙ** فرصتجوی он ки вақт ва шароити мусоиде меҷӯяд;

**ФУРСОН** *а.* فرسان *ҷ.* **форис**.

**ФУРУД** فرود зер, поён; *муқоб.* **боло**; **сар фуруд овардан** а) сар ба поён кардан, сар хам кардан; б) *маҷ.* таъзим ва итоат кардан;

**фуруд овардан** поин овардан, пиёда кардан; поин кардан; *муқоб.* **баровардан** (ба боло) **фуруд омадан** а) фуромадан, поин омадан, аз чизе ва ҷое поин шудан; б) ба зер омадан (аз асп *ва г.*); в) нузул кардан, таваққуф намудан (ба хонаи касе).

**ФУРУДГОҲ** فرودگاه 1. макон ва ҷои фуруд омадан. 2. ҷои бархостан ва фуруд омадани ҳавопаймоҳо.

**ФУРУДОӢ** فرودآئی фуруд омадан, поён шудан.

**ФУРУДХОНА** فرودخانه бошишгоҳи муваққатӣ, хобгоҳ, хобҷой.

**ФУРУЗД** فرزد *ниг.* **фараздд**.

**ФУРУНҶ** فرنج атрофи даҳан, лунҷ, пӯз.

**ФУРУСАТ** *а.* فروست асптозӣ, аспронӣ.

**ФУРУСИЯТ** *а.* فروسیت *ниг.* **фурусат**.

**ФУРУШ** *а.* فروش *ҷ.* **фарш** 1.

**ФУРӮ** فرو 1. зер поён. 2. пеш аз калимаҳо ба вазифаи пешоянд омада, ба онҳо маъниҳои нав медиҳад; **фурӯ афкандан** ба поён андохтан; **фурӯ нишондан** а) *маҷ.* паст кардан, *мас.* оташро; б) *маҷ.* паст кардан, таскин додан, хомӯш кардан (хашм, шӯриш, балворо); **фурӯ омадан**; **фурӯ рафтан;** в) дохил, дарун; **фурӯ бурдан, фурӯ кашидан**; **фурӯ фиристодан** (мехро); **фурӯ афтодан** (**ғалтидан**) сарозер афтодан, аз боло ба поин ғалтидан; **фурӯ бурдан** (**додан**) *маҷ. чизеро* балъидан; **фурӯ гирифтан** печонда гирифтан, иҳота кардан, муҳосира кардан; **фурӯ додан** а) *маҷ.* фурӯ бурдан, балъидан; б) ба поён афкандан; **фурӯ кашидан** ба дарун кашидан, фурӯ бурдан; **фурӯ мондан** *маҷ.* ҳайрон шудан, моту мабҳут шудан, чи кардани худро надониста ноилоҷ мондан; **фурӯ нишастан** *маҷ.* таскин ёфтан, паст шудан; ором гардидан; хомӯш шудан(*и оташ*); **фурӯ омадан** а) поин шудан, ба зер омадан, нузул кардан; б) *маҷ.* таваққуф намудан; в) фурӯ рафтан, ғуруб кардан; **фурӯ рафтан** *маҷ.* ба даруни чизе даромадан; ғӯтидан, ғарқ шудан, тамоман дода шудан (ба хоб, ба хаёл); **фурӯ рехтан** *маҷ.* аз боло ба рӯи чизе рехтан, рехта болои чизеро пахш кардан; **лаб фурӯ бастан** хомӯш мондан, гап назадан, сукут кардан; **сар фурӯ овардан**, таъзим кардан; *маҷ.* итоат кардан, таслим шудан, сар хам кардан **фурӯ нишастан (рафтан)**-и офтоб, ғуруби офтоб, фаромадани офтоб.

**ФУРӮБАРӢ** فروبری *маҷ.* балъидан, хӯрдан.

**ФУРӮБАСТА** فروبسته 1. ба ҳам баста, пӯшида. 2. *маҷ.* чигилшуда; сарбаста, мушкил.

**ФУРӮГУЗОР** فروگذار :**фурӯгузор кардан** дареғ доштан (коре, чизеро аз касе); кӯтоҳӣ, саҳлгирӣ кардан (дар коре).

**ФУРӮГУЗОШТ** فروگذاشت 1. ғафлат, сустӣ (дар коре); ба ҳоли худ гузоштани коре. 2. гузашт, чашмпӯшӣ (аз коре); **фурӯгузошт шудан** сустӣ рӯй додан, саҳлангорӣ ва ғафлат дар иҷрои коре, кӯтоҳӣ рӯ додан (аз тарафи касе дар коре).

**ФУРӮҒ** فروغ 1. рӯшноӣ, тобиш, партав, нур, тобиши офтоб, оташ *ва г.* 2. латофат, обу ранг, зебоӣ.

**ФУРӮҒБАХШ** فروغبخش 1. нурдиҳанда, рӯшноидиҳанда. 2. обурангдиҳанда, ороишдиҳанда, музаййин.

**ФУРӮҒМАНД** فروغمند 1. дорои нуру ҷило. 2. *маҷ.* зебо, бо обу ранг, музайян.

**ФУРӮҒМАНДӢ** فروغمندی 1. дурахшонӣ, тобандагӣ. 2. *маҷ.* зебоӣ, бообурангӣ, тазайюн.

**ФУРӮДАСТ** فرودست *маҷ.* зердаст, заиф, забун, оҷиз, дастнигар.

**ФУРӮЗ** فروز 1. равшанӣ, рӯшноӣ; фурӯзонӣ, тобиш. 2. равшанидиҳанда, рушноидиҳанда фурӯзанда.

**ФУРӮЗАНДА** فروزنده *ниг.* **афрӯзанда**.

**ФУРӮЗАНДАГӢ** فروزندگی хусусияти он чи ки фурӯзанда ва дурахшон аст; ҷило, таҷалло.

**ФУРӮЗИНА** فروزینه чӯбпора, параха, коғазу пахта ва хасу хошок, ки воситаи даргиронидани оташ мегардад, пешдаргирон.

**ФУРӮЗОН** فروزان 1. дурахшон, тобон, равшан, шӯълавар, барафрӯхта. 2. *маҷ.* пурхашму кина, барои хусумат омода: **оташи фурӯзон** а) оташи афрӯхта; б) *маҷ.* барои ҷангу кинаҷӯӣ омода.

**ФУРӮЗОНДАН//ФУРӮЗОНИДАН** فروزاندن// فروزانیدن афрӯхтан, равшан кардан, шӯълавар намудан (оташро).

**ФУРӮЗОНӢ** فروزانی равшанӣ, рӯшноӣ, шӯълаварӣ.

**ФУРӮКАШ** فروکش *кит.* аз сафар бозистодан, манзил кардан; иқомат; **фурӯкаш кардан** манзил кардан, иқомат намудан.

**ФУРӮКАШӢ** فروکشی 1. манзилу иқомат ихтиёр кадан. 2. фурӯбарӣ, дамкашӣ.

**ФУРӮМОНДА** فرومانده *маҷ.* 1. ҳайрон, ҳайратзада, мутаҳаййир. 2. дармонда, ба вазъи танг дучоршуда, оҷиз, дармонда.

**ФУРӮМОНДАГӢ** فروماندگی *маҷ.* ба аҳволи танг мондан, дармондагӣ, оҷизӣ.

**ФУРӮМОЯ** فرومایه дун, паст, разил, пастфитрат, бадасл; беқадру қимат, хор, залил, хасис, мумсик.

**ФУРӮМОЯГӢ** فرومایگی пастӣ, разолат, пастфитратӣ.

**ФУРӮНИШОНӢ** فرونشانی 1. *маҷ.* хомӯш кардан, паст кардан (*оташро*). 2. ором кардан, хобондан (*шӯришро*).

**ФУРӮРАВАНДА** فرورونده ғутаваршаванда (ба зер), поёнраванда, фурӯнишинанда, нопадидшаванда (офтоб, моҳ).

**ФУРӮРАВӢ** فروروی 1. фурӯ ғалтидан, резиш, чӯкиш (нисбат ба қисми ҷудошудаи кӯҳ, тарма, кон). 2. поёнравӣ, нишаст, ғуруб; **фурӯравии офтоб** ғуруби офтоб, нопадид шудани офтоб.

**ФУРӮРАФТА** فرورفته 1. рехта, харобшуда, азҳамрехта. 2. ғарқшуда, ғӯтаваршуда; **чашмони фурӯрафта** чашмони чӯкида (аз беморӣ, заъф *ва ғ.*).

**ФУРӮРАФТАГӢ** فرورفتگی *ниг.* **фурӯрафта**.

**ФУРӮТАН** فروتن *маҷ.* хоксор, шикастанафс, бетакаббур, тавозӯъкор.

**ФУРӮТАНӢ** فروتنی *маҷ.* хоксорӣ, тавозӯъ, шикастанафсӣ.

**ФУРӮТАНОНА** فروتنانه *маҷ.* бо тавозӯъ, бо хоксорӣ, хоксорона.

**ФУРӮХАМИДА** فروخمیده *ниг.* **фурӯрафта**.

**ФУРӮХАМИДАГӢ** فروخمیدگی хусусияти он ки ва он чи фурӯ мехамад; *ниг.* **фурӯрафта**.

**ФУРӮХАМӢ** فروخمی 1. фурӯ хамидан, нишеб шудан, поин шудан. 2. ҷой ва макони поин шудан, нишебӣ.

**ФУРӮХТ** فروخت 1. *асоси замони гузашта аз* **фурӯхтан**. 2. фурӯш, фурӯхтан; **хариду фурӯхт** хариду фурӯш, додугирифт.

**ФУРӮХТА** فروخته чизе, ки дар бадали пул ба касе вогузор карда шудааст; фурӯхташуда.

**ФУРӮХТАН** فروختن 1. ба фурӯш расонидан, ба ивази пул моле ё чизеро ба дигаре вогузор намудан, байъ; **фурӯхтани гуноҳ** маросими хоси динӣ дар вақти дафни мурдагон. 2. *маҷ.* хиёнат кардан, кӯрнамакӣ кардан; фурӯхта шудан, хиёнат кардан (ба коре, ба касе дар бадали гирифтани пул аз тарафи муқобил).

**ФУРӮХТАНАШУДА** فروخته نشده нафурӯхта, ба фурӯш нарафта.

**ФУРӮХТАШУДА** فروخته شده 1. он чи аз молу мавод, ки ба фурӯш рафтааст. 2. *маҷ.* ба хиёнат дучоргардида.

**ФУРӮҲАР** فروهر *д.* дар дини зардуштия сурати ғайримоддии ҳар як махлуқот, ки барои муҳофизат аз осмон фуруд меояд.

**ФУРӮҲИДА** فروهیده писандида, мақбул.

**ФУРӮҲИШТА** فروهشته сарозер, овезон, овехта.

**ФУРӮҲИШТАН** فروهشتن овезон ва сарозер кардан, овехтан.

**фурӯш** فروش *асоси замони ҳозира аз* **фурӯхтан**.

**ФУРӮШ** فروش 1. *чун ҷузъи баъдинаи калимаҳои мураккаб омада* маънои фурӯшандаи чизеро дорад: **китобфурӯш, матоъфурӯш**. 2. фурӯхтан, **фурӯши дона-дона** донабайъ фурӯхтани чизе; **барои фурӯш** барои фурӯхтан; **ба фурӯш гузоштан (мондан)** чизе ё молеро барои фурӯхтан ба харидор манзур кардан, фурӯхтанӣ шудан; **ба фурӯш расидан (рафтан)** *маҷ.* фурӯхта шудан; **фурӯш ёфтан** ба фурӯш расидан; **фурӯш шудан** фурӯхта шудан.

**ФУРӮШАНДА** فروشنده 1. он ки молеро ба фурӯш мерасонад. 2. молфурӯш, корманди муассисаи тиҷоратӣ, ки молро ба харидор манзур мекунад.

**ФУРӮШАНДАГӢ** فروشندگی амалу шуғли фурӯшанда, молфурӯшӣ.

**ФУРӮШГОР** فروشگار *ниг.* **фурӯшанда**; *муқоб.* **харидор**.

**ФУРӮШГОҲ** فروشگاه макони фурӯш, ҷои фурӯхтани молу маҳсулот: **фурӯшгоҳи марказӣ**.

**ФУРӮШӢ** فروشی чизи ба фурӯш гузошташуда, фурӯхтанӣ; **ҳавлии фурӯшӣ** ҳавлие, ки соҳибаш онро ба фурӯш мондааст.

**ФУРҶА** *а.* فرجه 1. *ниг.* **фарҷа**. 2. *маҷ.* вақт, фурсат.

**ФУСАҚО** *а.* فسقا *ҷ.* **фосиқ**.

**ФУСАҲО** *а.* فصحا *ҷ.* **фасеҳ**.

**ФУСУҚ** *а.* فسوق фисқ, фосиқӣ, бадахлоқӣ.

**ФУСУН** فسون *шакли дигари* **афсун**, макр, ҳила, тазвир; ҷоду, сеҳр, азоим; **фусун кардан** ҳила кардан, макр ба кор бурдан, сеҳр кардан, ҷоду кардан.

**ФУСУНБАЁН** فسون بيان *маҷ.* он ки истеъдоди балеғи суханбаёнӣ дорад; нотиқи сомеонро ба худ сахт ҷазбкунанда.

**ФУСУНБАЁНӢ** فسون بيانى *маҷ.* амали фусунбаён; тавассути нутқ ва баёни ҷозиб ҷалб кардан.

**ФУСУНГАР** فسونگر 1. он ки афсун мекунад; ҷодугар, соҳир. 2. *маҷ.* ҳилагар, маккор.

**ФУСУНГАРӢ** فسونگری амалу шуғли фусунгар, афсунгарӣ, ҷодугарӣ, соҳирӣ.

**ФУСУНКОР** فسون کار ҳилагар, маккор.

**ФУСУНКОРӢ** فسون کاری ҳилагарӣ, маккорӣ.

**ФУСУНПАРДОЗ** فسون پرداز *маҷ., ниг.* **фусунгар**.

**ФУСУНПАРДОЗӢ** فسونپردازی *маҷ., ниг.* **фусунгарӣ**.

**ФУСУРДА** فسرده *ниг.* **афсурда, фасурда**.

**ФУСУРДАГӢ** فسردگی *ниг.* **афсурдагӣ**.

**ФУСУРДАДИЛ** فسرده دل *маҷ.* ғамгин, ноумед, афсурдадил, дилмурда.

**ФУСУРДАН** فسردن *ниг.* **афсурдан**.

**ФУСӮС** فسوس 1. *ниг.* афсӯс. 2. тамасхур, истеҳзо.

**ФУСҲАТ** *а.* فسحت 1. вусъат, фарохӣ, кушодагӣ, паҳноварӣ. 2. *маҷ.* дилкушодагӣ, хушвақтӣ, тафаррӯҳ (-и хотир).

**ФУТ** فوت бод ё ҳавое, ки аз миёни ду лаб берун биёяд.

**ФУТА** فوته//فوطه 1. миёнбанде аз матоъ, ки ҷузъи либоси сӯгвории занон дар маросими азо мебошад. 2. дасторча. 3. рӯймол. 4. лӯнгӣ, ки дар вақти оббозӣ ва дар ҳаммом ба камар мебанданд.

**ФУТБОЛ** *англ.* فوتبال *варз.* бозиест бо тӯб байни ду гурӯҳ, ки дар майдон ёздаҳнафарӣ бо ҳам мусобиқа мекунанд.

**ФУТБОЛБОЗ** فوتبالباز бозингари мусобиқаи футбол; он ки бо футбол ҳамчун намуди варзиш машғул аст.

**ФУТБОЛБОЗӢ** فوتبال بازی машғул будан бо бозии футбол; як навъи машҳуртарини варзиш, ки мусобиқоти он дар сатҳҳои гуногун то миқёси ҷаҳонӣ баргузор мегардад.

**ФУТУР** *а.* فتور 1. сустӣ, заъф, афсурдагӣ, беҳолӣ; харобӣ, вайронӣ; **футур расонидан** хароб кардан, осеб расонидан; **футур рафтан** (*аз чизе*) рӯ додани заъфу харобӣ ба чизе.

**ФУТУРИЗМ** *фр.* فتوريزم ҷараёне дар адабиёт ва санъат, ки воқеиятро рад ва тамоми анъанаҳоро инкор мекунад.

**ФУТУРИСТ** *фр.* فتوريست *адш.* пайрави футуризм дар адабиёт ва санъат.

**ФУТӮҲ** *а.* فتوح 1. *ҷ.* **фатҳ**. 2. *маҷ.* кушоиши кор, пешрафт дар корҳо.

**ФУТӮҲОТ** فتوحات *ҷ.* футӯҳ ё *ҷамъулҷамъи* **фатҳ**.

**ФУҲУЛ** *а.* فحول *ҷ.* **фаҳл** 1.

**ФУЧФУЧ//ФУҶФУҶ** فچفچ//فجفج *гуфт., маҷ.* 1. пичир-пичир гап задан, зери лаб гап задан, бо овози паст, пинҳон гап задан. 2. *маҷ.* бӯсадиҳӣ.

**ФУҶОАТ** فجائة *ниг.* **фаҷоат**.

**ФУҶУР** *а.* فجور баромадан аз роҳи рост, бадкорӣ, бадахлоқӣ, зинокорӣ: **фиску фуҷур**.

**ФУҶҶОР** *а.* فجّار *ҷ.* **фоҷир**.

**ФУШОР** فشار 1. гапи фач, бемаза, ҳазён, сафсата. 2. дашном, ҳақорат.

**ФУШУРДА** فشرده 1. пахшшуда, зеркардашуда; **фушурда шудан** пахш ва зер шудан, дар таъзиқ ва фишор мондан. 2. мухтасар, кӯтоҳ; **фушурдаи мақола** мухтасари мақола, тезис.

**ФУШУРДАН** فشردن фишор додан, дар тазйиқ гирифтан, зер ва пахш кардан, ҷафидан; **даст фушурдан** дасти ҳамдигарро фишор дода вохӯрӣ кардан.

**ФӮЗИДАН** فوزيدن оруғ додан, *ниг.* **пӯзидан**.

**ФӮЛА** فوله дар даруни пӯст мулоимшуда (*мас. харбуза ва монанди ин*); **фӯла кардан** сусту паҷақ кардан.

**ФӮЛОД** فولاد *ниг.* **пӯлод**.

**ФӮЛОДБОЗУ** فولادبازو *маҷ.* маҳкамбозу, қавибозу, зӯрманд.

**ФӮЛОДГУДОЗӢ** فولادگدازی *хим.* гудохтан ва об кардани фӯлод.

**ФӮЛОДӢ//ФӮЛОДИН** فولادی//فولادين аз пӯлод сохташуда, он чи аз пӯлод сохта мешавад.

**ФӮЛОДРЕЗӢ** فولادريزی *ниг.* **пӯлодрезӣ**.

**ФӮТА** فوته//فوطه *ниг.* **фута**.

**ФӮТАБОФ** فوته باف он ки фӯта тайёр мекунад.

**ФӮТАБОФӢ** فوته‌بافی амалу шуғли фӯтабоф, фӯта бофтан.

**ФӮҲШ** فحش *ниг.* **фаҳш**.

# Х

**Х** *ҳарфи бисту ҳафтуми алифбои ҳозираи тоҷикӣ; дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ ҳарфи «*хе, хо*», (خ); дар ҳисоби абҷад ба адади 600 баробар аст.*

**ХАБА//ХАФА** خبه//خفه гулӯфишурдагӣ: **хаба кардан** буғӣ кардан.

**ХАБАБ** *а.* خبب 1. ба навбат бар сари як пой истодан. 2. навъе аз тохтани асп.

**ХАБАЗДӮ//ХАБАЗДӮК** خبزدو//خبزدوک *кит.* гамбуск.

**ХАБАК** خبک *кит.* фишурда шудани гулӯ, ғиҷовак.

**ХАБАР** *а.* خبر 1. огоҳӣ, дарак, иттилоъ. 2. матлабе, ки барои огоҳии умум дар матбуот, радио *ва г.* дода мешавад. 3. *грам.* он ҷузъи ҷумла, ки кору ҳаракат, амалу ҳолат ё чигунагии муносибати мубтадоро ифода мекунад; аз ҷиҳати сохту таркиб ва воситаи ифода хелҳои гуногун дорад: **хабари сода, хабари таркибӣ, хабари феълӣ, хабари номӣ** *ва г.*; **хабар гирифтан** аҳвол пурсидан, сиҳату саломатии касеро ҷӯё шудан; **хабар додан** дарак додан, огоҳ кардан; **хабар доштан** огоҳ будан, дараки чизеро донистан; **хабар ёфтан** огоҳ шудан, донистан, фаҳмидан, иттилоъ пайдо намудан; **хабар кардан** а) огоҳ кардан, дарак додан ба касе чизеро; б) даъват кардан, чеғ задан, таклиф намудан; **хабар кашидан** матлаберо ба касе расондан, суханчинӣ кардан, сухани касеро ба назди касе рафта гуфтан; **хабар овардан** матлаберо ба касе расондан; **хабар расонидан** касеро аз коре огоҳ сохтан, хабари чизеро ба касе дарак додан.

**ХАБАРБАР** خبربر 1. он ки хабар, паём мебарад. 2. хабаркаш; суханчин.

**ХАБАРБАРӢ** خبربری 1. *ниг.* **хабардиҳӣ**. 2. *ниг.* **хабаркашӣ**.

**ХАБАРБИЁР** خبربیار *гуфт.*, *ниг.* **хабаровар**.

**ХАБАРБИЁРӢ** خبربیاری *гуфт., ниг.* **хабароварӣ**.

**ХАБАРГИР** خبرگیر 1. он ки аз аҳволи касе хабар мегирад, он ки дараки чизеро мегирад, аҳволпурс. 2. ҷосус.

**ХАБАРГИРӢ** خبرگیری 1. хабар гирифтан, аҳволи чизеро фаҳмидан. 2. ҷосусӣ.

**ХАБАРГИРОН** خبرگیران хабар гирифта истодан, доимо ба хабаргирӣ рафтан (омадан).

**ХАБАРГУЗОР** خبرگذار *кит.* оваранда, расонанда ва ё фиристонандаи хабар.

**ХАБАРГУЗОРӢ** خبرگذاری 1. созмон ва идорае, ки ба гирдоварӣ ва пахши хабарҳо барои расонаҳои гурӯҳӣ машғул аст: **хабаргузории ховар**. 2. гумоштагӣ, вакилӣ. 3. дастнишон–дагӣ, ҷосусӣ.

**ХАБАРДИҲАНДА** خبردهنده хабаррасон, ахбордиҳанда, огоҳкунанда.

**ХАБАРДИҲӢ** خبردهی хабаррасонӣ, ахбордиҳӣ, огоҳ кардан.

**ХАБАРДОР** خبردار бохабар, огоҳ, воқиф, мутталеъ; **хабардор кардан** огоҳ намудан, воқиф

сохтан (*касеро аз коре ё ҳодисае*), маълум кардан (*чизеро ба касе*); **хабардор шудан (гардидан)** огоҳ шудан, воқиф гардидан; **хабардор бош**! огоҳ бош!, эҳтиёт шав!, дар ғафлат намон!.

**ХАБАРДОРӢ** خبرداری огоҳӣ, воқифӣ, огоҳ будан; **хабардорӣ кардан** хабар гирифта истодан.

**ХАБАРДОРКУНАНДА** خبردارکننده *ниг.* **хабардиҳанда**.

**ХАБАРӢ** خبری даъватшуда, хабар карда (*ба ҷое*); **хабарӣ будан** хабаршуда будан.

**ХАБАРКАШ** خبرکش он ки гапи касеро ба мақсади низоъандозӣ ба каси дигаре мерасонад; гапчин, суханчин, ҷосус.

**ХАБАРКАШӢ** خبرکشی гапи касеро рафта дар назди касе гуфтан, суханчинӣ; **хабаркашӣ кардан** суханчинӣ кардан, гапи касеро рафта ба касе расондан (*бо мақсади вайронкорӣ*).

**ХАБАРНАВИС** خبرنویس он ки барои рӯзнома дар бораи ҳодисае маълумоти мухтасар менависад, мухбир.

**ХАБАРНАВИСӢ** خبرنویسی ба рӯзнома ва дигар расонаҳои гурӯҳӣ ва ё барои хабаргузорӣ аз маҳалҳо хабар навиштан, ахбордиҳӣ.

**ХАБАРНИГОР** خبرنگار он ки дар бораи ҳодисае барои рӯзнома хабар мефиристонад; ахборнавис, мухбир.

**ХАБАРНИГОРӢ** خبرنگاری 1. касб ва шуғли хабарнавис, мухбирӣ, навиштани ахбор барои рӯзнома, радио *ва г.* 2. хабаргузорӣ.

**ХАБАРНОМА** خبرنامه 1. огоҳинома, барои анҷоми коре хабари хаттӣ фиристодан. 2. нашрия ё расонае, ки гузоришҳои хабарии ягон муассисаро пахш мекунад.

**ХАБАРОВАР** خبرآور он ки хабареро аз касе ё ҷое ба касе ё ба ҷое овардааст.

**ХАБАРОВАРӢ** خبرآوری расондани хабар, овардани маълумот.

**ХАБАРПАРОКАНӢ** خبرپراکنی 1. пароканиши хабарҳо, паҳн кардани хабар. 2. паҳн кардани хабарҳои бардурӯғ.

**ХАБАРПУРС** خبرپرس он ки хабар мепурсад, хабаргир, аҳволпурс.

**ХАБАРПУРСӢ** خبرپرسی хабаргирӣ, аҳволпурсӣ, пурсидани ҳолу аҳволи касе.

**ХАБАРРАСОН** خبررسان 1. муждарасон, пайк. 2. маълумотдиҳанда, ахбордиҳанда, мухбир; хабаркаш.

**ХАБАРРАСОНӢ** خبررسانی 1. муждарасонӣ. 2. маълумотдиҳӣ; хабаркашӣ.

**ХАБАРХОН** خبرخوان он ки дар шабакаи хабарӣ барои ислоҳ кардани хабар онро баланд мехонад.

**ХАБАРЧИН** خبرچین суханчин, хабаркаш.

**ХАБАРЧИНӢ** خبرچینی суханчинӣ, хабаркашӣ.

**ХАБАРЧӢ** خبرچی 1. хабаровар, хабаррасонанда, огоҳ ва воқифкунанда. 2. он ки касонро ба тӯй ё маъракае даъват мекунад; даъваткунанда.

**ХАББОЗ** *а.* خباز нонвой, нонпаз; нонфурӯш.

**ХАББОЗӢ** خبازی нонвойӣ, нонпазӣ; нонфурӯшӣ

**ХАБЕРА** خبیره *кит.* ҷамъ, ҷамъи ҳисоб; **хабера шудан** ҷамъ шудан, фароҳам омадан.

**ХАБИР** *а.* خبیر бисёр огоҳ ва хабардор; бисёр доно ва кордон.

**ХАБИС** *а.* خبیث палид, паст, бадкирдор, лаим.

**ХАБИСӢ** خبیثی палидӣ, пастӣ, лаимӣ, бадтинатӣ, разолат.

**ХАБОК** خباک *кит.* чордевори саркушода, ки чорворо шабҳо дар он нигоҳ медоранд.

**ХАБОСАТ** *а.* خباثت палидӣ, нопокӣ, бадкирдорӣ.

**ХАВ** I خو алафи бегонае, ки дар миёни ғалла *ва г.* мерӯяд, алафи печак.

**ХАВ** II خو хараки чӯбин барои болои он истодан дар вақти кор кардани гилкор.

**ХАВЗ** *а.* خوض ба коре бо диққат машғул шудан; **хавз кардан (*ё* намудан)** а) чуқур рафтан дар коре, чуқур фикр кардан; машғул ва саргарми чизе будан; б) тӯҳмат кардан, бӯҳтон кардан, бадӣ кардан; фитна кардан, иғво кардан.

**ХАВИД//ХАВЕД//ХИВЕД//ХЕД** خوید//خید *бот.* сабза ва гиёҳ, пояҳои ҷав ва гандуми ҳанӯз сарак набаста.

**ХАВОЗА** خوازه чӯбҳои бар сари сутунҳо баста, ки

дар бинокорӣ дар болои вай бинокорон истода кор мекунанд; **хавозаи ангур** чӯбҳои бар сутунҳо гузошта, ки навдаҳои токро ба болои он мегиранд.

**ХАВОЗАБАРДОРӢ** خوازه برداری сохтани хавоза барои навдаҳои ток.

**ХАВОНИН** *а.* خوانين *ҷ.* **хон** I.

**ХАВОРИҚ** *а.* خوارق *ҷ.* **хориқ** 2.

**ХАВОС(С)** I *а.* خواص *ҷ.* **хосият**; хосиятҳо, хислатҳо; табиат, мизоҷ.

**ХАВОС(С)** II *а.* خواص *ҷ.* **ҳосса**; қувваи дарк, қувваи дарёфт; зеҳн, ҳуш; **хавоси парешон** хотири парешон, дили ноором; хавос шудан, парешонхотир шудан

**ХАВОТИР** *а.* خواطر *ҷ.* **хотир**; мушаввашхотирӣ; ҳаяҷон, изтироб, безобитагӣ; **ба хавотир афтодан** ба ташвиш афтодан, аз чизе нохотирҷамъ шудан; **хавотир кардан** ба ҳаросу ташвиш андохтан (*касеро*), мушаввашхотир гардонидан; **хавотир кашидан** ба дил ваҳм афтодан, нохотирҷамъ будан, ваҳму хавф доштан.

**ХАВОТИРӢ** خواطری нохотирҷамъӣ, ташвишнокӣ.

**ХАВОТИРКАШОНА** خواطرکشانه бо хавотиркашӣ.

**ХАВОТИРНОК** خواطرناک мушаввашхотирона.

**ХАВОТИРОМЕЗ** خواطرآميز бо тарсу ҳарос, бо мушаввашхотирӣ.

**ХАВФ** *а.* خوف бим, тарс, воҳима, хатар; **дар хавф будан** тарс доштан, дар ҳолати ваҳму бим воқеъ шудан; **хавф доштан** аз касе, чизе тарсидан, дар ҳарос будан.

**ХАВФДОР** خوف دار *ниг.* **хавфнок**.

**ХАВФНОК** خوفناک тарснок, бимнок, хатарнок, ҳавлнок.

**ХАВФНОКӢ** خوف ناکی хатарнокӣ, бимнокӣ.

**ХАВФОВАР** خوف‌آور хавфэҷодкунанда, хатаровар.

**ХАД** I خد *ниг.* **худ** 1.

**ХАД** II *а.* خد рухсора, гуна, сурат.

**ХАДАМ** *а.* خدم *ҷ.* **ходим**.

**ХАДАМОТ** خدمات *ҷ.* **хидмат**, хизмат.

**ХАДАМОТӢ** خدماتی *мансуб ба* **хадамот**.

**ХАДАНГ** خدنگ 1. дарахте бисёр сахт, ки аз чӯби он тир, найза ва зини асп месохтанд. 2. тире, ки аз чӯби ин дарахт месохтанд.

**ХАДАНГАФКАН** خدنگ‌افکن *кит.* тирандоз.

**ХАДАНГДОР** خدنگ‌دار **:тири хадангдор** тири аз хаданг сохташуда.

**ХАДАНГЗОР** خدنگ‌زار ҷангали дарахтони хаданг, анбӯҳи дарахтони хаданг.

**ХАДАР** *а.* خدر 1. сустии узви бадан, карахт шудани бадан, шах шудан. 2. торикӣ, ҷои торик.

**ХАДЕВ** خديو 1. подшоҳ; сардор, соҳиб. 2. Худо. 3. лақаби подшоҳони Миср.

**ХАДЕВӢ** خديوی подшоҳӣ, сардорӣ, соҳибӣ.

**ХАДЕШ** خديش *кит.* 1. молик; подшоҳ. 2. кадбону, соҳиби хона.

**ХАДРА** خدره *гуфт.* навда, шохча.

**ХАДУК** خدوک халал, монеа; **хадук додан** халал расонидан; **хадук хӯрдан** халал ёфтан.

**ХАЁЛ** *а.* خيال 1. фикр, андеша. 2. пиндошт, гумон, зан(н). 3. орзу, тасаввур: **хаёлҳои ширини ҷавонӣ**. 4. он чи дар хоб дида шуда дар андешаи кас пайдо мешавад; он чи аз дида дар хотир мемонад; **ба хаёлам**... ба фикри ман, аз рӯи пиндор ва гумони ман; **хаёли хом** фикри беасос, орзуи ношуданӣ, пиндори нодуруст; **ба хаёли** *касе, чизе* **афтодан** орзуманди касе, чизе шудан; **аз хаёл гузарондан** фикри чизеро кардан; **хаёл доштан** орзу доштан, дар фикри чизе будан; **хаёл кардан** фикр кардан, тасаввур кардан, пиндоштан; **хаёл паридан** парешонхотир шудан, мушавваш будан; **ба хаёл расидан** ба хотир овардан, ба ёд омадан; **ба хаёл (фурӯ) рафтан** ғарқи фикру андеша шудан.

**ХАЁЛАН** *а.* خيالاً дар олами хаёл; дар олами тасаввур ва пиндошт.

**ХАЁЛАНГЕЗ** خيال انگيز он чи боиси хаёл мешавад; он чи касро ба хаёл меандозад.

**ХАЁЛАНДЕШ** خيال انديش касе, ки бисёр фикру хаёл мекунад; он ки нақшаҳои бисёри ғайриамалӣ мекашад.

**ХАЁЛАНДЕШӢ** خيال‌انديشی бисёр фикру хаёл

кардан; нақшаҳои ғайриамалӣ кашидан.

**ХАЁЛАТӢ** خیالتی *ниг.* **хаёлотӣ**.

**ХАЁЛБОФ** خیالباف он ки дар зеҳни худ фикру андешаҳои ғайриамалӣ мепарварад.

**ХАЁЛБОФӢ** خیالبافی фикру андешаҳои ғайр-амалӣ парваридан.

**ХАЁЛӢ** خیالی 1. тасаввурӣ, ғайриҳақиқӣ, тахайюлӣ. 2. одами хаёлотӣ, савдоӣ.

**ХАЁЛМАНД** خیالمند бо фикру хаёл, ғарқи фикру андеша, хаёломез.

**ХАЁЛМАНДОНА** خیالمندانه дар ҳолати фикру андеша, ғарқи фикру андеша, андешакунон.

**ХАЁЛОЛУД** خیال آلود ғарқи фикру андеша, хаёл-мандона.

**ХАЁЛОМЕЗ** خیال آمیز омехтаи хаёл, хаёлманд.

**ХАЁЛОТ** خیالات *ҷ.* **хаёл**; фикру андешаҳо, тасав-вурот.

**ХАЁЛОТӢ** خیالاتی он ки ба фикру пиндорҳои ғайриодӣ дода мешавад; савдоӣ; **хаёлотӣ шудан** эътидол ва мувозинати фикрии худро аз даст додан, савдоӣ шудан.

**ХАЁЛПАРАСТ** خیالپرست одами хаёлотӣ, сав-доӣ, мутахайийил.

**ХАЁЛПАРАСТӢ** خیالپرستی дар банди хаёл шу-дан, побанди фикру андешаҳои ғайривоқеӣ будан.

**ХАЁЛПАРВАР** خیال پرور хаёлотӣ, он ки хаёлан иҷрои амалҳои худро орзу мекунад.

**ХАЁЛПАРЕШОН** خیال پریشان мушаввашхотир, он ки хотири парешон дорад.

**ХАЁЛПАРЕШОНӢ** خیالپریشانی мушаввашхоти-рӣ, андешаи парешон доштан.

**ХАЗ** *а.* خز ҷонвари хурдҷусса аз ҷинси самур; **пӯстини хаз** пӯстине, ки аз пӯсти хаз дӯхта шудааст.

**ХАЗАНДА** خزنده 1. *сифати феълии замони ҳозира* аз **хазидан.** 2. ҷонваре, ки дасту по надорад ва хазида роҳ мегардад (*мисли мор, сусмор ва г.*).

**ХАЗАР** I خزر кӯр будани яке аз ду чашм; қинҷир. 2. танг ва хурд гаштани чашм; дидан бо гӯшаи чашм.

**ХАЗАР** II خزر 1. номи дигари баҳри Каспий, баҳри Хазар. 2. *таър.* вилояте дар соҳили баҳри Хазар ва ҳудуди Гелони Эрон. 3. *кӯн.* номи мардуме, ки дар навоҳии Хазар дар соҳилҳои баҳри Каспий дар асрҳои миёна зиндагӣ мекарданд, қавме, ки номи ин баҳр аз номи он гирифта шудааст.

**ХАЗАР** III *а.* خزر 1. тозагӣ, кабудӣ. 2. сабза. 3. сабзавот.

**ХАЗАРӢ** خزری *кит. марбут ба* **хазар**.

**ХАЗАФ** *а.* خزف сафол; сафолин, зарфи сафолин, ҳарчизи сафолин.

**ХАЗАФПОРА** خزف پاره сафолпора.

**ХАЗИБ** خزیب рангкарда (*мас., бо ҳино*).

**ХАЗИДАН** خزیدن 1. ба сина ва шикам дароз ка-шида пеш рафтан, гавак кашидан. 2. оҳиста, ниҳонӣ ба ҷое даромадан; **хазида-хазида** га-вак кашида, гаваккашон.

**ХАЗИНА** *а.* خزینه ҷои нигоҳ доштани пул ва ҷавоҳирот; сандуқи давлатӣ; ганҷина.

**ХАЗИНАДОР** خزینه‌دار нигаҳбони хазина; мута-саддии хазина, сандуқдор.

**ХАЗИНАДОРӢ** خزینه‌داری 1. шуғл ва амали хази-надор. 2. маҳал ва ҷои ҷамъшудаи молу сар-ват ва хазина. 3. идораи хазинадорӣ дар Ва-зорати молия.

**ХАЗИНАДУЗД** خزینه‌دزد он ки молу мулк ва пулу сарватро аз худ мекунад; ғоратгари хазина.

**ХАЗИНАДУЗДӢ** خزینه‌دزدی молу мулк ва пулу сарватро аз худ кардан, рабудан; ғоратгарӣ кардан.

**ХАЗИНАХОНА** خزینه خانه ҷое, ки пули нақд ва чизҳои қиматбаҳо нигаҳдорӣ мешавад, хази-на, ганҷхона, ганҷина.

**ХАЗОИН** خزاین *ҷ.* **хазина**.

**ХАЗОН** خزان 1. яке аз чор фасли сол, тирамоҳ, пойиз. 2. баргҳои зарду хушкшуда, барги хушкидаю рехта; **мавсими (фасли) хазон** фас-ли тирамоҳ, фасли хушкида рехтан ва хазон шудани барги дарахтон; **хазон шудан** а) паж-мурдан, зард шудан, хушкидан; б) *маҷ.* рӯ ба завол рафтан, нобуд гаштан, ҳалок гардидан.

**ХАЗОНА** *а.* خزانه *ниг.* **хазина**.

**ХАЗОНАДОР** خزانه‌دار *ниг.* **хазинадор**.

**ХАЗОНАДОРӢ** خزانه‌داری *ниг.* **хазинадорӣ**.

**ХАЗОНАК** خزانک **:хазонак кардани харбуза**.

**ХАЗОНАХОНА** خزانه‌خانه *ниг.* **хазинахона**.

**ХАЗОНБАРГ** خزان برگ барги зардшуда, хазонгардида.

**ХАЗОНДИДА** خزاندیده он чи фасли тирамоҳро аз сар гузаронидааст; ба офати хазон гирифторшуда; афсурда, пажмурда.

**ХАЗОНЗАДА** خزان زده *ниг.* **хазондида**.

**ХАЗОНИЯ** خزانیه *адш.* шеъре, ки дар васфи тирамоҳ, пойиз суруда мешавад.

**ХАЗОНКАРДА** خزان‌کرده *ниг.* **хазонрасида.**

**ХАЗОНРАСИДА** خزان‌رسیده он чи бар асари беобӣ ё омадани фасли тирамоҳ хазон шудааст; пажмурда ва бетароват.

**ХАЗОНРЕЗ** خزان‌ریز **:фасли хазонрез** фасли тирамоҳ, мавсими баргрезон.

**ХАЗОНРЕЗӢ** خزان‌ریزی мавсими зард шуда, хушкида рехтани барги дарахтон; тирамоҳ.

**ХАЗХАЗОН** خزخزان *кит.* дар ҳоли хазидан.

**ХАЙЁМ** *а.* خیام 1. устои хаймадӯз, хаймасоз, чодирдӯз. 2. тахаллуси шоир ва риёзидони машҳури форсу тоҷик Умари Хайём (соли вафоташ 1123).

**ХАЙЁТ** *а.* خیات либосдӯз, дӯзанда, дарзӣ; **хайёти азал** *кинояаз* **Худо**.

**ХАЙЁТӢ** خیاتی либосдӯзӣ, дӯзандагӣ, дарзигӣ.

**ХАЙЗУРОН** *а.* خیزران як навъ най, бамбук.

**ХАЙЛ** *а.* خیل 1. *кит.* гурӯҳ, ҷамоа, тоифа; *муқ.* **хел**. 2. аскарони савора, саворон. 3. галаи аспҳо.

**ХАЙЛТОШ** خیل‌تاش *кит.* ҳамхайл, ҳамгурӯҳ, аз як тоифа, ҳамқабила.

**ХАЙЛХОНА** خیل‌خانه макони як гурӯҳи одамон, хона.

**ХАЙМА** *а.* خیمه чодир, хиргоҳ; **хайма задан** чодир барпо кардан, чодир шинондан.

**ХАЙМАГӢ** خیمگی 1. *марбут ба* **хайма**, он чи махсуси хайма аст. 2. *кит.* он ки кораш задан ва ҷамъ кардани хайма аст. 3. он ки дар хайма ҷойгир шудааст; *маҷ.* духтар, зан.

**ХАЙМАГОҲ** خیمه‌گاه ҷои чодир, хиргоҳ; бошишгоҳ, қароргоҳ.

**ХАЙМАДӮЗ** خیمه‌دوز хайём, чодирдӯз, хиргоҳдӯз.

**ХАЙМАДӮЗӢ** خیمه‌دوزی хайёмӣ, чодирдӯзӣ, хиргоҳдӯзӣ.

**ХАЙМАШАҲРАК** خیمه شهرک шаҳрчаи хаймаnишинон.

**ХАЙМАЗОР** خیمه‌زار ҷое, ки хаймаи зиёде барпост.

**ХАЙР** *а.* خیر 1. некӣ, хубӣ, нағзӣ; *муқоб.* **шар**, бадӣ. 2. эҳсон, кори неке, ки нафъаш ба мардум мерасида бошад; **амри (кори) хайр** а) кори нек, некӣ ба мардум; б) *маҷ.* тӯй. 3. хуб, нағз (*ифодаи ризогӣ*); **хайр гуфтан** розӣ шудан, розигӣ додан, розигӣ баён намудан; **хайра мақдам гуфтан** хуш омадед гуфтан, омадан ва ташрифи касеро табрик кардан; **хайру хуш (маъзур) кардан** видоъ намудан.

**ХАЙРА** *а.* خیره **:хайра мақдам**! қадам ба хайр бод!, хуш омадед!

**ХАЙРАНДЕШ** خیراندیش он ки дар фикри некӣ ба касон аст, некхоҳ, хайрхоҳ.

**ХАЙРАНДЕШӢ** خیراندیشی майл ва рағбат ба некии касон, хостори нағзии касон будан.

**ХАЙРАНДЕШОНА** خیراندیشانه хайрхоҳона, аз рӯи хайрандешӣ.

**ХАЙРБОД** خیرباد видоъ, орзуҳои нек баён кардан вақти видоъ; **хайрбод гуфтан (кардан)** некӣ хостан вақти видоъ.

**ХАЙРГАРД** خیرگرد он ки ба ҳар ҷо гашта хайрот ҷамъ мекунад, гадо, садақаталаб.

**ХАЙРГӮЙ** خیرگوی гуфтани суханҳои хайрхоҳона ва таскинбахш; видоъгӯӣ, хайрухуш кардан.

**ХАЙРИЯ** *а.* خیریه он чи нафъ ва хайри халқ дар он аст; **ҷамъияти хайрия** иттиҳодияи одамони хайрхоҳ бо мақсади ёрӣ расондан ба мӯҳтоҷон.

**ХАЙРИЯТ** *а.* خیریت хубӣ, некӣ; салоҳ, офият; **кор ба хайрият гузашт** кор ба некӣ анҷомид, оқибати кор нағз шуд; **хайрият ки**... нағз ки..., хуб аст ки...

**ХАЙРИЯТАСАР** خیریت اثر хайриятовар, кори ба

некӣ анҷоманда.

**ХАЙРӢ** خیری **:гули хайрӣ** гули маъруфе, ки бештар сафед, сурх ва кабудранг мешавад ва дар тиб истифода мешавад.

**ХАЙРКУНАНДА** خیرکننده эҳсонкунанда, карим.

**ХАЙРОТ** *а.* خیرات 1. эҳсон, садақа, худоӣ. 2. пул, йиртиш *ва г.,* ки вақти ҷаноза тақсим карда мешавад.

**ХАЙРОТӢ** خیراتی ҳар чизе, ки барои хайрот пешниҳод шудааст.

**ХАЙРУХУШ** خیروخوش *ниг.* **хайр**.

**ХАЙРХОНА** خیرخانه 1. макони хайру эҳсон. 2. ҷои буду боши муваққат ва додани хӯрду хӯрок барои бенавоён.

**ХАЙРХОҲ** خیرخواه он ки некӣ ва беҳбудии дигаронро хоҳон аст, некандеш; **хайрхоҳ будан** нисбат ба касе ё коре некхоҳ будан.

**ХАЙРХОҲӢ** خیرخواهی хайр хостан ба дигарон, некӯкорӣ; **хайрхоҳӣ кардан** толиби некии касе будан, тарафдорӣ кардан.

**ХАЙРХОҲОНА** خیرخواهانه аз рӯи хайрхоҳӣ, бо мақсади некиталабӣ.

**ХАКАС** خکس хакасҳо (*халқи сокини* вилояти мухтори Хакасияи Федератсияи Русия).

**ХАКАСӢ** خکسی *мансуб ба* **Хакас**.

**ХАЛА** I خله дарди сахти халандаи дарунӣ дар паҳлӯ, шикам *ва г.*; **хала задан** дард кардани ягон ҷои бадан, пайдоиши халиш дар ягон узви бадан; **хала шудан** гирифторӣ ба дарди хала.

**ХАЛА** II خله **:хала кардан** халачӯб халонидан, нихта кардан (*ба хар*).

**ХАЛА** III خله *кит.* ҳарза, ёва, сафсата, гапи бемаъни; қилуқол.

**ХАЛА** IV خله *кит.* суккони киштӣ.

**ХАЛАК** خلک 1. сарсӯзан. 2. аломат, нишоне ё сурате, ки ба воситаи сӯзан ба сари сина халонда мешавад.

**ХАЛАҚ** *а.* خلق кӯҳна, кӯҳнашуда; либоси жанда ва фарсуда.

**ХАЛАҚПӮШ** *а.* خلق پوش кӯҳнапӯш, жандапӯш.

**ХАЛАЛ** *а.* خلل 1. рахна, шикофӣ байни ду чиз. 2. нуқсон, монеа; зарар, зиён; **халал расидан ба** *чизе* зиён расидан, нуқсондор шудан; **халал додан (расондан**) монеъ шудан, рахна задан ба коре.

**ХАЛАЛДОР** خلل دار нуқсондор, зиёндор; **халалдор будан** айбнок будан, нуқсондор будан.

**ХАЛАЛДОРШАВӢ** خلل دارشوی халалёбӣ.

**ХАЛАЛНОПАЗИР** خلل ناپذیر он чи қобили халал ва зиён нест, устувор, собит, вайроннашаванда.

**ХАЛАЛНОПАЗИРӢ** خللناپذیری устувор, тасбият, зиённопазир будан.

**ХАЛАЛПАЗИР** خللپذیر ноустувор, нопойдор.

**ХАЛАЛРАСОН** خللرسان ба амал ё коре халал расондан, монеъ шудан, зараррасон.

**ХАЛАЛРАСОНАНДА** خللرساننده монеъшаванда, зиёновар, монеарасонанда.

**ХАЛАЛРАСОНӢ** خللرسانی монеъ шудан, зиёновари, зараррасонӣ.

**ХАЛАНДА** خلنده 1. *сифати феъли замони ҳозира аз* **халидан**. 2. фурӯраванда, тез.

**ХАЛАНОК** خله ناک халонанда, халазананда; дарди хала.

**ХАЛАНҶ** خلنج *бот.* навъи буттаи майдабарги ҳамешасабз.

**ХАЛАНҶӢ** خلنجی *мансуб ба* **халанҷ**.

**ХАЛАФ** *а.* خلف аз пас оянда; ворис, писар; писари нек, фарзанди сазовор; ҷонишин; *муқоб.* **салаф I**.

**ХАЛАХӮР** خله خور 1. зудмутаассиршаванда; зудранҷ, оташиншаванда. 2. *маҷ.* он ки бе тазйиқ коре намекунад, он ки ба нихта кардан одат кардааст.

**ХАЛАЧӮБ** خله چوب чӯбдасти нӯгтез барои рондани чорпоён.

**ХАЛАҶОН** خله جان ҳаяҷон, изтироб, такон хӯрдан.

**ХАЛИДАДИЛ** خلیده دل *кит., киноя аз* дилшикаста; хаста, ранҷида, дилозурда.

**ХАЛИДАН** خلیدن фурӯ рафтан, фурӯ рафтани чизи нӯгтезе (*хор, сӯзан ва г.*) ба бадани кас ё ба чизи дигар.

**ХАЛИДАРАВОН** خلیده‌روان *кит.* рӯҳафтода, рӯҳафсурда; ранҷур.

**ХАЛИҚ** *а.* خلیق 1. лоиқ, сазовор. 2. хушхӯй, хушахлоқ; 3. чизи офаридашуда, махлуқ.

**ХАЛИҚАТ** *а.* خلیقت 1. табиат, сиришт, ниҳод, хулқ. 2. чизи офаридашуда, офаранда, махлуқ.

**ХАЛИЛ** *а.* خلیل 1. дӯст, дӯсти меҳрубон, дусти наздик. 2. *д.* шакли кӯтоҳи Халилуллоҳ лақаби Иброҳими пайғамбар аст.

**ХАЛИЛИХӮРАК** خلیلی‌خورک *гуфт.* номи ҳашарае.

**ХАЛИЛӢ** خلیلی навъе аз ангури тезпаз.

**ХАЛИФА** *а.* خلیفه *таър.* 1. ҷонишин, касе, ки ҷонишини каси дигаре бошад. 2. лақаби подшоҳони ислом, ки ноиби Муҳаммади пайғамбар (с) ва пешвои мусулмонон маҳсуб мегаштанд. 3. ҷонишин, дастёри усто, косиб.

**ХАЛИФАГАРӢ** خلیفه‌گری 1. халифагӣ; устое, ки дар касби худ роҳбарӣ ва сарпарастии шогирдонро дар ӯҳда дорад. 2. мақоми пешвоӣ дар бархе аз фирқаҳо ва гурӯҳҳои масеҳият. 3. маҳорати халифа.

**ХАЛИФАЗОДА** خلیفه‌زاده 1. фарзанди халифа, бузургзода, калонзода. 2. *маҷ.* инсон.

**ХАЛИФАКОР** خلیفه‌کار шахсе, ки дар устохона халифа шуда кор мекунад.

**ХАЛИФАКОРӢ** خلیفه‌کاری коргарӣ дар устохонаҳои косибӣ.

**ХАЛИФАНИШИН** خلیفه‌نشین дорулхилофа, ҷой ва мақоми нишасти халифа, нишастгоҳи халифа.

**ХАЛИҶ** خلیج *ҷугр.* қисме аз дарё (баҳр), ки ба хушкӣ фурӯ рафта аз се тараф бо хушкӣ иҳота шудааст.

**ХАЛИШ** I خلش *исми феълӣ аз* **халидан**.

**ХАЛИШ** II خلش ғавғо, ошӯб, шӯру ғавғо.

**ХАЛИШ** III خلیش лойи часпанда, гили часпак, лаҷан.

**ХАЛҚ** *а.* خلق 1. офаридан, ба вуҷуд овардан; **халқ кардан** ба вуҷуд овардан. 2. мардум, тӯдаи одамон; аҳолии як мамлакат.

**ХАЛҚДӮСТ** خلق دوست *ниг.* **халқпарвар**.

**ХАЛҚДӮСТӢ** خلق دوستی *ниг.* **халқпарварӣ**.

**ХАЛҚИЯ** *а.* خلقیه халқи одӣ, мардуми авом.

**ХАЛҚИЯТ** *а.* خلقیت 1. халқӣ будан, ба халқ тааллуқ доштан. 2. гурӯҳ; қавм, халқ.

**ХАЛҚӢ** خلقی 1. *мансуб ба* **халқ**, аз они халқ; мувофиқ бо рӯҳи халқ, бо маданият ва ҷаҳонбинии халқ. 2. *мансуб ба* **мамлакат**, ба давлат.

**ХАЛҚОЗОР** خلق‌آزار он ки бо мардум бадрафторӣ мекунад, мардумозор, золим, ситамгар.

**ХАЛҚОЗОРӢ** خلق‌آزاری мардумозорӣ, ситамгарӣ, золимӣ, бадрафторӣ нисбат ба халқу мардум.

**ХАЛҚПАРАСТ** خلق پرست *ниг.* **халқпарвар**.

**ХАЛҚПАРАСТӢ** خلق پرستی *ниг.* **халқпарварӣ**.

**ХАЛҚПАРВАР** خلق‌پرور дӯстдори халқ, ғамхори халқ, он ки ба осоиш ва некаҳволии халқ мекӯшад.

**ХАЛҚПАРВАРӢ** خلق‌پروری дӯстдорӣ аз халқ, тарафдорӣ ва ғамхорӣ ба халқ.

**ХАЛҚЧИГӢ** خلق‌چیگی *таър.* ҷараёне дар ҳаракати инқилобии рус дар нимаи дуюми асри 19, ки нақши раҳбарии синфи коргарро дар инқилоб инкор мекард.

**ХАЛҚЧӢ** خلقچی *таър.* тарафдори ҷараёни халқчигӣ.

**ХАЛЛОҚ** *а.* خلاق офаринанда, халқкунанда; *д.* яке аз сифатҳои Худо.

**ХАЛО** *а.* خلا 1. ҷои холӣ, ҷои хилват, ҷое, ки дар он касе набошад. 2. ҳоҷатхона, мабраз; ҷои қазои ҳоҷат; **барои хало** барои қазои ҳоҷат.

**ХАЛОБ** خلاب *кит.* замини серлой, сероб, ки пой дар он меғӯтад, ботлоқ, ботлоқзор.

**ХАЛОИҚ** *а.* خلائق 1. *ҷ.* **халиқат** 2. 2. халқ, мардум, одамон.

**ХАЛОЛӮШ** خلالوش *кҳн.* ғавғо, шӯр; ошуфтагӣ, изтироб.

**ХАЛОН(И)ДАН** خلاندن//خلانیدن *шакли бавоситаи* **халидан**; фурӯ кардан, даровардани чизи борики нӯгтез (*сӯзан, хор, сим ва г.*) ба ҷое, хастан.

**ХАЛОС** *а.* خلاص 1. раҳоӣ, раҳоӣ ёфтан, наҷот,

наҷотёбӣ; **халос кардан** раҳонидан, озод намудан, наҷот додан; **халос шудан** раҳоӣ ёфтан, наҷот ёфтан, озод шудан. 2. дар охири ҷумлаҳо бо феъл омада тамом шудани амал ё кореро ба тарзи хулоса ифода мекунад: тамом, бас: **ин гапро фақат шуниду халос**.

**ХАЛОСГАР** خلاص گر *ниг.* **халоскунанда**.

**ХАЛОСӢ** خلاصی наҷот, раҳоӣ, озод шудан; **халосӣ ёфтан** наҷот ёфтан, раҳо шудан, озод гардидан.

**ХАЛОСКОР** خلاص‌کار раҳокунанда, наҷотбахш, озодкунанда.

**ХАЛОСКОРӢ** خلاص‌کاری раҳо кунонидан, наҷотбахшӣ, озодкунандагӣ.

**ХАЛОСКУНАНДА** خلاص‌کننده *ниг.* **халоскор**.

**ХАЛОСШУДА** خلاص‌شده раҳошуда, озодшуда, наҷотёфта.

**ХАЛОҶО(Й)** خلاجا(ی) хало, ҳоҷатхона, обхона, мабраз.

**ХАЛТА** خلته матои дуруште, ки аз се тарафаш дӯхта ба дарунаш чизҳои резандаро (*гандум, ҷав ва г.*) меандозанд; линга, тӯрба; **халта шудан** суст шуда овезон гаштани чизе.

**ХАЛТАБИСТАР** خلته بستر *ниг.* **хобхалта**.

**ХАЛТАДОР** خلته‌دار *зоол.* дорои халта: **кенгуруи халтадор**.

**ХАЛТАЧА** خلتچه халтаи хурд барои андохтани чизҳои резанда.

**ХАЛТАШУДА** خلته‌شده 1. дар халта гирифташуда. 2. омосӣ, варамида.

**ХАЛХОЛ** *а.* خلخال ҳалқаи тилло ё нуқра, ки занон барои зинати пой мебанданд.

**ХАЛЪ** *а.* خلع бекор кардан, баровардан, азл кардан, дур кардан аз коре ё ҷое; **халъи силоҳ (кардан)** беяроқ гардонидан, яроқи касеро аз дасташ гирифтан.

**ХАМ** خم 1. каҷ, моил ба тарафе; *муқоб.* **рост**. 2. қаҷӣ, хамидагӣ, печутоб; **хаму печ (-и роҳ)** каҷу килебӣ, печутоб хӯрдани роҳ; **хам кардан** каҷ кардан, дуқат кардан; **сар хам кардан** сар ба поин андохтан; *маҷ.* таслим шудан, фармонбардорӣ кардан; **хам шудан** қаҷ шудан, дуқат шудан; **хаму рост шудан** каҷу рост шудан (*мас., дарахт аз вазиши бод*); **хам хӯрдан** печутоб хӯрдан, қаҷ шудан, ба як тараф моил гаштан.

**ХАМБА//ХУМБА** خمبه хуми калон; чуқурӣ ё чағораи бо чор девора иҳоташуда барои нигаҳдории ғалладона; **хамбаи орд** ҷои махсус барои нигоҳ доштани орд; **хамбаи ҳаммом (обдон)** ҷои махсус дар ҳаммомҳои қадима.

**ХАМБИДАН** خمبیدن *ниг.* **ханбидан**.

**ХАМГАШТ** خم‌گشت гардишгоҳ, ҷои печхӯрӣ; **хамгашти зону** хами зону, ҷои қат шудани зону; **хамгашти роҳ** ҷои печутобхӯрии роҳ, ҷои гардиши роҳ.

**ХАМГАШТА** خم‌گشته хамида, дуқатшуда, қатшуда.

**ХАМГИРИФТА** خم‌گرفته хамшуда, мунҳанӣ, каҷ, хамида.

**ХАМЁЗА** خمیازه беихтиёр кушода шудани даҳон (*ҳолате, ки дар натиҷаи мондагӣ, бехобӣ рӯй медиҳад*); **хамёза кашидан** рӯй додани ҳолати хамёза ба кас.

**ХАМЁЗАКАШӢ** خمیازه کشی хамёза кашидан.

**ХАМЁЗАКАШОН** خمیازه‌کشان дар ҳоли хамёзакашӣ.

**ХАМИДА** خمیده хамшуда, дуқатшуда, каҷшуда, моилшуда ба як сӯ.

**ХАМИДАГӢ** خمیدگی ҷои хамхӯрии чизе, ҷои каҷшуда, каҷӣ.

**ХАМИДАҚАД** خمیده‌قد он ки қадаш хам шудааст, он ки пушташ аз пирӣ хамида бошад, хамидапушт.

**ХАМИДАҚОМАТ** خمیده قامت *ниг.* **хамидақад**.

**ХАМИДАН** خمیدن 1. хам шудан, дуқат шудан, каҷ шудан. 2. аз боло ба поён омадан.

**ХАМИДАПУШТ** خمیده پشت *ниг.* **хамидақад**.

**ХАМИР** *а.* خمیر орди омехташуда дар об барои пухтани нон; **хамири расида** хамири тайёршуда ба пухтан; **аз нӯги хамир – фатир** (*зарб.*) яъне ин намуна аз ибтидои кор; **хамир гирифтан(кардан)** ордро бо обу намак сиришта барои нонпазӣ тайёр кардан.

**ХАМИРА** خمیره хамирмоя, хамиртуруш; **хамираи дандон** хамираи дорои моддаҳои тозакунанда, табобатӣ, зиддиуфунӣ, муаттар барои шустану мисвок кардани дандон.

**ХАМИРВОР** خمیروار *мач.* бисёр мулоим; **хоки хамирвор** хоки нарм.

**ХАМИРГИР** خمیرگیر хамиркунанда, он ки дар нонвойхонаҳо хамир мекунад.

**ХАМИРИН** خمیرین *ниг.* **хамирӣ**.

**ХАМИРӢ** خمیری 1. ордӣ; аз хамир тайёршуда. 2. *ниг.* **хамирмонанд**.

**ХАМИРМОЯ** خمیرمایه *ниг.* **хамира**.

**ХАМИРТУРУШ** خمیرترش хамира, хамирмоя, як порча хамири туршида, ки ба хамир барои расидани он ҳамроҳ мекунанд.

**ХАМИРХОБОНӢ** خمیرخوابانی хамир кардан ва барои расидан онро чанд муддат нигаҳдорӣ кардан.

**ХАМИРХОНА** خمیرخانه ҷои махсус барои хамиргирӣ дар нонвойхонаҳо.

**ХАМИРШӮРӢ** خمیرشوری хамир мушт кардан, хелидани хамир.

**ХАМӢ** خمی каҷӣ, хамшавӣ, мунҳанӣ.

**ХАМКОРӢ** خمکاری амали хам ва каҷ кардани оҳану филиз, мила *ва г.* ба андозаи дилхоҳ.

**ХАММА** خمّه *ниг.* **хамба, ханба**.

**ХАММОР** *а.* خمّار 1. майфурӯш, шаробфурӯш. 2. касе, ки бисёр шароб мехӯрад, майхӯр, шароб.

**ХАМОН** خمان хамидагӣ, дар ҳоли хам будан.

**ХАМОН(И)ДАН** خمانیدن//خماندن хам кардан, каҷ кардан, дуқат кардан.

**ХАМР** *а.* خمر май, шароб, бода.

**ХАМСА** *а.* خمسه 1. панҷ, панҷгона. 2. *адш.* маҷмӯаи иборат аз панҷ достони манзум.

**ХАМУПЕЧ** خموپیچ печ дар печ, печу тобдор, каҷу килеб.

**ХАМУТ//ХОМУТ** خموت//خاموت афзори юғмонанде, ки вақти ба ароба бастан бар гардани асп андохта мешавад.

**ХАМӮШ** خموش *ниг.* **хомӯш**.

**ХАМӮШИДАН** خموشیدن хомӯш шудан, орому сокит истодан, сухан нагуфтан, гап назадан.

**ХАМӮШӢ** خموشی *ниг.* **хомӯшӣ**.

**ХАМӮШОНА** خموشانه *ниг.* **хомӯшона**.

**ХАМХӮРДА** خم خورده каҷшуда, каҷу килебшуда, ба як сӯ моилгашта.

**ХАН** خن 1. *кит.* хона, манзил. 2. бахше аз баданаи киштӣ байни кафи уфуқӣ ва девораҳои он. 3. пойинтарин бахши дохилии баданаи киштӣ.

**ХАНБ** خنب *кит.* айвони болопӯшида, айвони сақфдор; суфа.

**ХАНБА** خنبه *кит.* хамба, табоҳӣ, фасод.

**ХАНБИДАН** خنبیدن хамбидан, сарозер шудан.

**ханд** خند *асоси замони ҳозира аз* **хандидан**.

**ХАНД** خند *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънии* хандон, ханданда: **лабханд, ришханд, шакарханд** *ва г.*

**ХАНДА** خنده ифодаи хушҳолӣ, шодмонӣ ва ё истеҳзо дар одам, ки бо садои махсусе зоҳир мегардад; **ханда гирифтан** *касеро* пайдо шудани ҳолати ханда ба касе; **ханда кардан** хандидан.

**ХАНДАДАРМОНӢ** خنده‌درمانی *тиб.* як намуди равондармонӣ, ки ба воситаи ханда ва хандондани бемор фишори дарди рӯҳии ӯро коҳиш медиҳанд ва таскин мебахшанд.

**ХАНДАЗОР** خنده‌زار мавриди ханда, мавриди мазоҳ қарор гирифта; **хандазор кардан** мавриди ханда ва мазоҳ қарор додан касеро; **хандазор шудан (гардидан)** боиси хандаву масхараи касон гардидан, масхара шудан.

**ХАНДАКУНОН** خنده‌کنان дар ҳолати ханда, дар аснои хандидан, хандида истода.

**ХАНДАҚ** خندق *кҳн.* 1.чуқурие, ки дар гирдогирди шаҳрҳо, қалъаҳо канда ба он об пур мекарданд. 2. шинак; чуқурие, ки барои камин гирифта нишастан мекананд. 3. чуқурие, ки барои рехтани об истифода мебаранд: **оби ганда ба хандақ** (*зарб.*).

**ХАНДАҚКОВӢ** خندق‌کاوی кофтани хандақ.

**ХАНДАОВАР** خنده‌آور он чи боиси ханда мешавад, он чи ханда тавлид мекунад; *маҷ.* ғалатӣ, аҷиб.

**ХАНДАОВАРӢ** خنده‌آوری боиси хандашавӣ, хандазо, ба ханда овардан.

**ХАНДАОВАРОНА** خنده آورانه 1. ба таври хандаовар. 2. *ниг.* **хандаовар**.

**ХАНДАОМЕЗ** خنده‌آمیز бо истеҳзо, бо ришханд, масхаракунон.

**ХАНДАРИШ** خنده ریش *ниг.* **хандахариш**.

**ХАНДАСОР** خنده سار *ниг.* **хандахариш**.

**ХАНДАХАРИШ** خنده‌خرش он чи боиси хандаву масхара мешавад, мавриди ханда ва истеҳзо; он ки мавриди ханда ва масхараи касон шудааст.

**ХАНДИДА** خندیده **бо ханда, бо табассум: хандида-хандида** хандакунон, бо чеҳраи хандон.

**ХАНДИДАН** خندیدن ханда кардан, ханда задан.

**ХАНДОН** خندان 1. хандакунанда, дар ҳоли хандидан. 2. ҳар чизи шукуфта ва кушодашуда: **гули хандон, пистаи хандон**.

**ХАНДОН(И)ДАН** خنداندن//خندانیدن касеро ба ханда овардан, боиси хандидани касе шудан.

**ХАНДОНЛАБ** خندان‌لب он ки лабаш ба ханда боз аст, хурсанд, табассумкунанда.

**ХАНДОНРӮ(Й)** خندان‌رو(ی) бо чеҳраи хандон, табассумкунанда.

**ХАНДОНРӮӢ** خندان‌روئی кушодачеҳрагӣ, гармрӯӣ.

**ХАНДОНРӮЯК** خندان‌رویک шод, хушҳол, мағрур; ғолиб, дилчасп (*оид ба кӯдак*).

**ХАНДОНЧАК** خندان چک хандонрӯй.

**ХАНДОХАНД** خنداخند хандаи давомдор, хандаи баланд, қаҳ-қаҳа.

**ХАНОЗИР** *а.* خنازیر *тиб.* бемориест, ки ғадудҳои сахт дар таги гулӯ ва гардан пайдо шуда, мадда карда, ҷароҳат ба вуҷуд меоранд.

**ХАННОС** خنّاس *а. кит.* аҳриман, шайтон; шайтонсифат; бадкор.

**ХАНҶ** I خنج *гуфт.* хароше, ки бо нохун дар ҷое мезананд, харошидан.

**ХАНҶ** II خنج *кит.* 1. суд, фоида, нафъ, даромад. 2. осоиш, шодиву шодмонӣ, роҳат.

**ХАНҶАК** خنجک *кит., бот.* як навъ гиёҳи биёбонии худрӯй, ки дар тибби қадим барои куштани кирми рӯда ба кор мерафт, дармана; хори сегӯша, хори сепаҳлу, хасак.

**ХАНҶАР** خنجر силоҳи кордмонанди дудамаи нӯгтез.

**ХАНҶАРБОЗӢ** خنجربازی кордбозӣ, мусобиқа дар ҳунари ханҷарзанӣ.

**ХАНҶАРГУЗОР** خنجرگذار *кит.* ханҷаркаш.

**ХАНҶАРӢ** خنجری *марбут ба* **ханҷар**; муносиби ханҷар; ба шакли ханҷар.

**ХАНҶАРКАШ** خنجرکش ханҷарзан, бо ханҷар амалкунанда.

**ХАНҶИР** خنجیر *кит.* бӯи тунде, ки аз сӯхтани устухон ё чизи дигар пайдо мешавад.

**ХАНҶОЛ** خنجال бо нохун чанг зада харошидан; **ханҷол кардан** бо панҷаи даст чанг зада харошидан.

**ХАНҶОЛКАШ** خنجالکش ханҷолкаш кардан, ба рӯи чизе ханҷол кашидан.

**ХАП** خپ сокит, хомӯш, ором; **хап шудан (нишастан)** сокиту хомӯш шудан.

**ХАПГИР** خپ‌گیر **:саги хапгир** саги ногаҳонӣ ҳуҷумкунанда, саге, ки хапу дам ва ногаҳонӣ мегирад.

**ХАП(П)АК** خپک камгап, хомӯш, сокит, камгапзананда.

**ХАП(П)АКӢ** خپکی бегапу садо (хомӯшона), пинҳонӣ корбудкунанда.

**ХАП(П)Ӣ** خپی *ниг.* **хаппак**.

**хар** خر 1. *асоси замони ҳозира аз* **харидан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* харанда: **китобхар**, **хонахар**, **арзонхар** *ва г.*

**ХАР** I خر 1.чорпои боркаши маълум. 2. *маҷ.* одами аҳмақ, аблаҳ; **хар барин кор кардан** бисёр кор кардан; **хараш аз лой гузашт** кораш буд шуд.

**ХАР** II خر *кит.* лой, гили часпанда; ботлоқзор.

**ХАРА** I خره дар буҷулбозӣ як паҳлуи буҷул, ки муқобили паҳлуи дигараш – аспа воқеъ мешавад; **хара баромадан** бо паҳлуи хара истодани буҷул.

**ХАРА** II خره 1. тӯби баланди чизе, хирмани чизе; **хара кардан** хирман кардан, чош кардан, боло-болои ҳам чидан. 2. *кит.* таҳнишин, лойоб, шароб, равған *ва г.*; лой, лаҷан.

**ХАРАД//ХАРРАД//ХАРД** خرد *кит.* лой, гил, гили часпанда.

**ХАРАЗ** *а.* خرز он чи ба ресмон кашида мешавад,

(*мас., марҷон, мӯҳра ва г.*).

**ХАРАК** I خرک 1. *шакли тасғири* **хар**; хари хурд; **хараки хокӣ** ҳашараи майдаи харчангмонанад, ки дар ҷойҳои нам мешавад. 2. чорпояи чӯбӣ барои нишасти якчанд кас, нимкат. 3. *варз.* чорпояи дарозрӯя, ки барои машқҳои варзишӣ истифода мешавад.

**ХАРАК** II خرک олати хурди устухонӣ ё чӯбӣ, ки дар болои косаи танбур ё дутор шинонда симҳоро аз рӯи он мегузаронанд.

**ХАРАКӢ** خرکی 1. савори хар, ба хар саворшуда. 2. харсавор, он ки ба хар савор аст.

**ХАРАКТЕРНОК** خرکتیرناک хос, хислатҳои хос, ҷиҳатҳои барҷаста.

**ХАРАНБОР** خرنبار *кит.* шахсе, ки ӯро бо сабаби гунохе ба хар чаппа савор карда, дар кӯчаву бозор мегардонанд.

**ХАРАНДА** خرنده он ки чизе мехарад, он ки чизеро хариданӣ аст, харидор, муштарӣ.

**ХАРАРОБА** خرارابه аробае, ки ба он хар бастаанд.

**ХАРБАНДА** خربنده *кит.* соҳиби хар; **харбанда ба хонаи шутурбон ояд** (*зарб.*) ҳамҷинс ба ҳамҷинс наздик аст.

**ХАРБАНДАГӢ** خربندگی *кит.* 1. соҳиби хар будан; кирокашӣ, ба кироя додани хар. 2. *маҷ.* ходими хар будан, кори паст кардан.

**ХАРБАНДӢ** خربندی *гуфт.* бастани хар, лангор кардани хар; **ба харбандӣ роҳ надодан** *киноя аз* одами беҳунар, ки ягон кор аз дасташ намеояд.

**ХАРБАТ** I خربط *кит.* аблаҳ, аҳмақ, нодон.

**ХАРБАТ** II خربط *кит.* мурғобии калон.

**ХАРБАҲО** خربها *кит.* нодон, аҳмақ, камҳуш.

**ХАРБЕВОЗ** خربیواز *кит.* кӯршабпарак, хуффош.

**ХАРБОЗОР** خربازار 1. бозори хар. 2. *гуфт.* ҷои серғавғо, ҷои серҷанҷол, ҷойи бенизому бетартиб.

**ХАРБОН** خربان нигаҳбони хар; соҳиби хар.

**ХАРБОР** خربار *ниг.* **хирвор**.

**ХАРБУЗА** خربزه меваи калони ширину обдор аз ҷинси каду.

**ХАРБУЗАЗОР** خربزه‌زار пайколи харбуза, замини харбузакишта, полези харбуза.

**ХАРБУЗАКОР** خربزه‌کار он ки харбуза мекорад, корандаи харбуза.

**ХАРБУЗАКОРӢ** خربزه‌کاری харбузапарварӣ.

**ХАРБУЗАПАЗ** خربزه‌پز мавсими пухтани харбуза.

**ХАРБУЗАФУРӮШ** خربزه‌فروش он ки харбуза мефурӯшад, фурӯшандаи харбуза.

**ХАРБУЗАФУРӮШӢ** خربزه‌فروشی кори харбузафурӯш; ба харбузафурӯшӣ машғул будан: **харбузафурӯшӣ кардан**.

**ХАРВОР** خروار 1. чун хар, мисли хар. 2. боре, ки як хар бардошта метавонад. 3. *кит.* ченаки вазн баробар ба сад мани Табрез, 300 кг.

**ХАРГАЛА** خرگله галаи хар.

**ХАРГАВОЗ** خرگواز *кит., ниг.* **харгувоз**.

**ХАРГАДО** خرگدا он ки дар иҷрои коре хеле шилқин аст, гадои шилқин, гадои хира.

**ХАРГИР** خرگیر *кит.* амалдори подшоҳӣ, ки харони мардумро маҷбуран мегирифт.

**ХАРГАҲ** خرگه *ниг.* **хиргоҳ**.

**ХАРГОҲ** خرگاه *ниг.* **хиргоҳ**.

**ХАРГУВОЗ** خرگواز чӯбе, ки бо он харону говонро меронанд, халачӯби говронӣ.

**ХАРГӮШ** خرگوش ҷонвари хурди алафхӯри дорои гӯшҳои дароз, ки дастҳояш кӯтоҳтар аз пояш буда, хеле чолок ва даванда аст.

**ХАРГӮШАК** خرگوشک *ниг.* **харгӯшбача**.

**ХАРГӮШБАЧА** خرگوشبچه бачаи харгӯш, харгӯши майда.

**ХАРГӮШДОРӢ** خرگوش داری *ниг.* **харгӯшпарварӣ**.

**ХАРГӮШӢ** خرگوشی *мансуб ба* **харгӯш**.

**ХАРГӮШПАРВАР** خرگوشپرور он ки харгӯш мепарварад.

**ХАРГӮШПАРВАРӢ** خرگوشپروری парвариши харгӯш: **хоҷагии харгӯшпарварӣ** хоҷагие, ки дар он харгӯш парварида мешавад.

**ХАРД** خرد *кит.* хӯрок, хӯрданӣ

**ХАРДАЛ** خردل донаи бисёр хурди зардранги як навъ гиёҳ, ки мазаи тунду тез дорад, онҳоро

соида дар об ё сирко тар карда барои кушодани иштиҳо бо ғизо меҳӯранд.

**ХАРДАНДОН** خردندان 1. *гуфт.* он ки дандонҳои ниҳоят калон дорад. 2. *биол.* номи гиёҳи биёбонӣ, аз қабили явшон, хоршутур *ва г.*

**ХАРЕШИДАН** خریشیدن *кит.* хурӯшидан, шӯру ғавғо кардан.

**ХАРЗ** *а.* خرز *кит.* дӯхтан, халонда дӯхтан; пӯстиндӯзӣ, мӯзадӯзӣ.

**ХАРЗАН** خرزن тозиёна, қамчин.

**ХАРЗИН** خرزین *кит.* 1. як навъ чӯби дароз барои овезон кардани зин. 2. полон.

**ХАРЗАҲРА** خرزهره *биол.* дарахти баргзаҳр, ки баргаш ба барги бед монанд аст.

**ХАРИГАРӢ** خریگری *маҷ.* аблаҳӣ, ҳамоқат, нодонӣ, нофаҳмӣ.

**харид** خرید *асоси замони гузашта аз* **харидан**.

**ХАРИД** خرید 1. амали харидани чизе, байъ; *муқоб.* **фурӯш**. 2. он чи харида шудааст; **хариду фурӯш** доду ситад; **харид кардан** харидан, гирифтани чизе аз касе бо додани баҳои он.

**ХАРИДА** خریده харидашуда, байъшуда; он чи дар бадали пул ба даст даровaрда шудааст; **гувоҳони харид** гувоҳи сохтаи ба пул фурӯхташуда, шоҳиди бардурӯғ.

**ХАРИДАН** خریدن чизеро аз касе дар бадали пардохти баҳои он гирифтан, байъ; *муқоб.* **фурӯхтан**.

**ХАРИДАФУРӮШ** خریده فروش тоҷир; ҷаллоб, ҳаннот.

**ХАРИДАХӮР** خریده خور касе, ки хӯроквории мавриди эҳтиёҷи худро истеҳсол накарда, аз бозор мехарад: **шаҳрнишини харидахӯр**.

**ХАРИДАНӢ** خریدنی он чи қобили харидан аст; **хариданӣ шудан** ба чизе толиб шудан, ба фикри харидани чизе афтодан.

**ХАРИДКУНАНДА** خریدکننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **харид кардан**, он ки харид мекунад, харидор.

**ХАРИДОР** خریدار харидкунанда, толиб ба харидани чизе, талабгор; **харидор шудан** толиб шудан ба харидани чизе.

**ХАРИДОРӢ** خریداری моилӣ ба харид, харидор будан; **қобилияти харидорӣ** имконияти хариди чизе, қудрати харидан; **бо чашми харидорӣ нигаристан** ба чизе толиб шудан, чизеро аз ҳар ҷиҳат санҷидан бо мақсади харидани он.

**ХАРИДОРТАЛАБ** خریدارطلب он ки харидор меҷӯяд, он ки чизеро ба фурӯш гузоштааст, ҷӯёи муштарӣ.

**ХАРИДУФУРӮХТ** خریدوفروخت харидану фурӯхтан.

**ХАРИДУФУРӮШ** خریدوفروش тоҷирӣ; ҷаллобӣ, ҳаннотӣ; савдо.

**ХАРИТА** خریطه нақшаи ҷуғрофӣ, нақшаи рӯи замин, мамлакат ё ҷое.

**ХАРИТАКАШ** خریطه کش он ки нақшаи ҷуғрофӣ мекашад, тарроҳи харита, нақшакаш.

**ХАРИТАКАШӢ** خریطه‌کشی амали харитакаш, кашидани тарҳ (нақшаи) ҷое.

**ХАРИТАНАВИС** خریطه نویس *ниг.* **харитакаш**.

**ХАРИТАНАВИСӢ** خریطه نویسی *ниг.* **харитакашӣ**.

**ХАРИФ** I *а.* خریف касе, ки ақлаш аз пирӣ суст шудааст; парешонхотир, фартут.

**ХАРИФ** II *а.* خریف тирамоҳ, поиз, хазон, мавсими баргрезон, фасли дарав.

**ХАРӢ** خری *ниг.* **харигарӣ**.

**ХАРКАЛЛА** خرکله нодон, нофаҳм, бефаросат, каллаварам.

**ХАРКОР** خرکار 1. он ки тавоноии анҷоми корҳои душворро дорад, пуркор. 2. *маҷ.* дорои қудрат ва мустаҳкамии зиёд.

**ХАРКАМОН** خرکمان 1. камони калон. 2. доме, ки ба шакли камон аст ва онро дар сари роҳи гургу шағол *ва г.* гузошта, дар он тире пинҳон мекунанд, қапқон.

**ХАРКУРРА** خرکره курраи хар, бачаи хар.

**ХАРҚ** *а.* خرق сурох, рахна, шикоф.

**ХАРМАГАС** خرمگس навъе аз магас, ки хеле калон буда, нештари дароз дорад; ◊ **хармагаси маърака** касе ки нохонда ба ҷое омада боиси дарди сар шудааст.

**ХАРМАҒЗ** خرمغز аблаҳ, нодон, гӯл.

**ХАРМИЗОҶ** خرمزاج *маҷ.* одами якраҳа, инодкор.

**ХАРМУРД** خرمرد **:хармурд кардан** касеро афтонида чандкаса кӯфтан (задан), касеро сахт ва бисёр задан; **хармурд кунондан** ба касе фармуда касеро сахт кӯфтан; **хармурд шудан** аз чанд кас шаллоқ хӯрдан.

**ХАРМӮҲРА** خرمهره мӯҳра, минчоқи калони арзонбаҳо, ки онро ба гардани аспу хар меовезанд.

**ХАРНОЙ** خرنای *ниг.* **карнай**.

**ХАРНУБ** خرنوب *бот.* як навъ рустанӣ, ки донаҳои онро мехӯранд; ҷавдор.

**ХАРОБ** خراب 1. вайрон, вайрона, валангор; *муқоб.* **обод**. 2. лоғар, шалпар; *муқоб.* **фарбеҳ**; **хароб кардан (намудан)** вайрон кардан, табоҳ сохтан; **хароб шудан** а) вайрон шудан, табоҳ сохтан; б) лоғар шудан, бетобу тавон шудан.

**ХАРОБА** خرابه 1. вайрона, ҷои вайроншуда. 2. осори ободонии қадима.

**ХАРОБАЗОР** خرابه زار ҷои вайрона; **харобазор шудан** вайрона шудан.

**ХАРОБАК(АК)** خرابکک //خرابک лоғар, шалпару камқувват.

**ХАРОБАНДАРУН** خراباندرون *кит.* парешонхотир, мушавваш, ранҷидахотир.

**ХАРОБАНИШИН** خرابه نشین сокини харобаҳо, сокини маҳалҳои нообод.

**ХАРОБИОВАР** خرابی آور он чи боиси вайронии ободиҳо мегардад.

**ХАРОБӢ** خرابی 1. вайронӣ, вайронагӣ, табоҳӣ; *муқоб.* **ободӣ**, **ободонӣ**; **ба харобӣ рӯ овардан** вайрона шудан (*ба сабаби бенигоҳубинӣ*); **харобӣ овардан** боиси вайронӣ гардидан.

**ХАРОБКОР** خرابکار он ки боиси вайронию табоҳӣ мешавад.

**ХАРОБКОРӢ** خرابکاری зараррасонандагӣ, боиси вайронии чизе шудан.

**ХАРОБКОРОНА** خرابکارانه аз рӯи харобкорӣ, боиси харобкорӣ.

**ХАРОБКУНАНДА** خرابکننده вайронкунанда, вайронкор, вайронгар.

**ХАРОБОБОД** خراب آباد 1. ҷое, ки ободониаш аз харобазорҳо иборат аст. 2. *киноя аз* ин дунё.

**ХАРОБОТ** خرابات 1. харобиҳо, харобаҳо, вайрониҳо. 2. *маҷ.* майхона, майкада.

**ХАРОБОТГАРДӢ** خراباتگردی *кит.* гардиш дар харобот.

**ХАРОБОТӢ** خراباتی *мансуб ба* **харобот**; сокини харобот; *маҷ.* майпараст.

**ХАРОБОТНИШИН** خراباتنشین *кит.* хароботӣ.

**ХАРОБХОНА** خرابخانه *кит.* харобот.

**ХАРОБШУДА** خراب شده 1. вайронгардида, ба ҳоли вайрона афтода, рехта, фарсуда. 2. лоғаршуда.

**ХАРОМОЧ** خرآماج позае, ки ба қувваи хар кор фармуда мешавад.

**ХАРОС** خرآس осиёе, ки бо қувваи хар кор мекунад, харосиё: **аспи харос**.

**ХАРОСБОН** خرآسبان соҳиби харос, осиёбон.

**ХАРОТИН** خراطین //خراتین кирми хокӣ, кирми лойхӯрак.

**ХАРОҶ** *а.* خراج *ниг.* **хироҷ**; ◊ **хароҷи сар** андози сарона; **хароҷ аз хароб нахоҳанд** (*зарб.*) аз нодорон чизе талабидан норавост.

**ХАРОҶОТ** خراجات 1. *ҷ.* **харҷ**. 2. харҷ, сарф, баромад; *муқоб.* **дахл**, **даромад**; **хароҷот кардан** сарф кардан, харҷ кардан, маблағеро сарф намудан.

**ХАРОҶОТПУЛӢ** خراجاتپولی маблағи барои харҷ истифодашаванда.

**ХАРОШ** خراش асаре, ки аз нохун ё ягон чизи нӯгтез ба рӯи чизе пайдо мешавад.

**ХАРОШДОР** خراشدار ханҷол кашида, дорои харошида, харошхӯрда.

**ХАРОШИДАН** خراشیدن 1. пӯсти бадан ё рӯи чизи дигареро ба нӯги нохун ё ягон чизи нӯгтез хастан. 2. озор додан, осеб расондан.

**ХАРОШИДАШУДА** خراشیده‌شده *ниг.* **харошхӯрда**.

**ХАРОШХӮРДА** خراشخورده харошидашуда, харошдор.

**ХАРПАНҶА** خر پنجه *гуфт.* панҷаҳои ҳарду дастро ба ҳам андохта фишурдан.

**ХАРПОЯ** خرپایه харак, хавоза.

**ХАРПУШТА** خرپشته 1. пуштаи калон. 2. *маҷ.* боми гумбазшакл.

**ХАРРА** خره чош, ғарам, хирвор; *ниг.* **хара** 2; **харра задан** чош кардан, ғарам кардан, болои ҳам чида баланд бардоштан.

**ХАРРОЗ** *а.* خراز *кит.* мӯзадӯз, машкдӯз.

**ХАРРОЗӢ** خرازی *кит.* мӯзадӯзӣ, машкдӯзӣ.

**ХАРРОТ** *а.* خرات чӯбтарош, он ки ба воситаи олати махсус чӯбу ашёи дигарро тарошида аз он ҳар гуна ашё месозад.

**ХАРРОТӢ** خراتی 1. *мансуб ба* **касби харрот**: **таҷҳизоти харротӣ**, **кӯбачаи харротӣ**. 2. касбу кори харрот. 3. устохонаи харрот;

**ХАРРУБ** خرّوب *кит.* гиёҳе, ки дар вайронаҳо мерӯяд.

**ХАРСАВОР** خرسوار он ки савори хар аст.

**ХАРСАВОРА** خرسواره ба хар саворшуда.

**ХАРСАВОРӢ** خرسواری ба хар савор шудан; **харсаворӣ кардан** ба хар савор шудан, ба хар тохтан.

**ХАРСАНГ** خرسنگ санги калон, санги калони нотарошида.

**ХАРСАНГДЕВОР** خرسنگدیوار девори харсангӣ.

**ХАРТАБИАТ** خرطبیعت он ки аз ахлоқ ва одоби одамгарӣ бенасиб аст, ноодам; ахмақ, аблаҳ.

**ХАРТИЯ** *ю.* خرتیه 1. дастнависи қадим. 2. ҳуҷҷат.

**ХАРТОЗ** خرتاز **:хартоз шудани роҳ** аз барфу ях пок ва тоза шудани роҳҳои кӯҳӣ, кушода шудани роҳ пас аз зимистон.

**ХАРТОЗӢ** خرتازی 1. хардавонӣ, мусобиқаи хардавонӣ; пойгаҳи хардавонӣ. 2. *маҷ.* кори бачагона; ◊ **пириву хартозӣ**.

**ХАРТОЛ** خرطال *кит.* киса ё халтае аз пӯсти гов, ки аз нуқра ё тило пур мекарданд.

**ХАРТУМ** خرطوم бинии фил, ки дароз ва овезон аст.

**ХАРТУМДОР** خرطوم دار дорандаи хартум; **гамбуски хартумдор** *зоол.* ғалламус, митта.

**ХАРТУМӢ** خرطومی монанди хартум.

**ХАРТУМЧА** خرطوم چه хартуми майда.

**ХАРХАША** خرخشه ҷанҷол, кашмакаш, даъво, низоъ, муҷодала; **хархаша кардан** ҷанҷол кардан, кашмакаш кардан.

**ХАРХАШАҶӮЙ** خرخشه جوئی хурдагирӣ, айбҷӯӣ, ҷанҷолҷӯӣ, арбадаҷӯӣ.

**ХАРХАШАҶӮЙ** خرخشه‌جوی арбадакор, ҷанҷолӣ, ҷангара, шӯрапушт.

**ХАРХОНА** خرخانه 1. оғили хар. 2. *маҷ.* ҷои ҷамъомади аблаҳ ва нодонҳо.

**ХАРХУТӮК** خرخوتوک курраи хар, хутӯк.

**ХАРХӮР** خرخور меваи ёбоии бемаза (*мас., тути хасак, себи хасак ва г.*).

**ХАРЧАНГ** خرچنگ ҷонвари буғумпой, ки чанголҳои дароз дорад, асосан дар об зиндагонӣ мекунад, дар хушкӣ ҳам мегардад, панҷпо, саратон.

**ХАРЧАНГГИР** خرچنگ گیر шикорчии харчанг.

**ХАРЧОЛ** خرچال *кит., зоол.* парандаи обии кабудранг; мурғобии калон.

**ХАРҶ** خرج сарф, хароҷот; **харҷ кардан** сарф намудан; **ба харҷ додан** сарф кардан.

**ХАРҶАЛЛОБ** خر جلاب касе ки ба мақсади фоидабинӣ ба хариду фурӯши хар машғул аст.

**ХАРҶБАРДОР** خرج بردار серхарҷ, он чи харҷи зиёд талаб мекунад.

**ХАРҶИДАН** خرجیدن 1. сарф кардан, харҷ кардан. 2. гиря кардан, гиристан.

**ХАРҶӢ** خرجی маблағ барои хароҷоти майдачуйда, маблағи хароҷотӣ; **харҷӣ додан** додани пул барои маош, додани маблағе барои масрафи ҳаррӯза.

**ХАРҶКУНӢ** خرج کنی сарфкардан, харҷ кардан.

**ХАРШАЛҒАМ** خر شلغم *бот.* карамшалғам.

**ХАС** خس 1. хошок, коҳ ва алафи хушк. 2. *маҷ.* ночиз, беарзиш, одами паст ва фурӯмоя; **хас каму ҷаҳон пок** (*зарб.*).

**ХАСАК** خسک 1. *ниг.* **хас**. 2. меваи ёбоӣ. 3. хорҳои сегӯшаи аз оҳан сохташуда, ки ба сари роҳи душман андохта мешуд, то гузашта натавонад.

**ХАСАКӢ** خسکی ёбоӣ, худрӯй ва маҳсули он.

**ХАСАКХОР** خسک خوار *ниг.* **хорхасак**.

**ХАСБЕДА** خس بیده бедаи алафҳои худрӯй.

**ХАСБУР** خس بور **:хасбур кардан** *кӯҳ.* тахминан

муайян кардани ҳосили ҳанӯз надаравида ва ғундоштанашуда.

**ХАСГӮГИРД** خس گوگرد гӯгирди ҷойдорӣ, ки ба оташ дошта дармегиронанд.

**ХАСДУЗД** خس‌دزد касе ки майда-чуйда ва чизҳои беарзишро медуздад.

**ХАСИН** خسین *марбут ба* **хас**, аз хас бофта ё сохташуда.

**ХАСИС** خسیس лаим, мумсик, одами дар харҷ сахт.

**ХАСИСӢ** خسیسی лаимӣ, мумсикӣ, сахтӣ; **хасисӣ кардан** мумсикӣ кардан, дар харҷ сахтӣ кардан.

**ХАСИСОНА** خسیسانه лаимона, мумсикона, аз рӯи сахтӣ.

**ХАСӢ** I خسی фурӯмоягӣ, пастӣ, қабоҳат.

**ХАСӢ** II *а.* خصی он ки хояҳояш кашида шуда бошад, ахта.

**ХАСӢ** III خسی *ниг.* **хасин**.

**ХАСКАППА** خس‌کپه шипанги хасин, козаи калони хасин.

**ХАСКАШ** خس کش он ки хасу хошок мекашонад.

**ХАСКАШАК** خس‌کشک панҷшоха (ё сешоха) барои бардоштани хасу хошок.

**ХАСКУЛОҲ** خس کلاه кулоҳи хасин, кулоҳи аз хас бофташуда.

**ХАСМ** *а.* خصم душман, душманикунанда.

**ХАСМАЙДА** خس میده рехтаву майдаҳои гиёҳ.

**ХАСМГИР** خصم گیر он ки душманро мегирад, гирандаи душман, мағлубкунандаи душман.

**ХАСМОЛ** خس مال касалии устухонхора, ки дар нӯги ангуштони даст пайдо мешавад, панаритсия.

**ХАСМОНА** خصمانه душманона, аз рӯи душманӣ, ах рӯи хусумат, чун хасм.

**ХАСМСӮЗ** خصم سوز он ки душманро нобуд мекунад.

**ХАСОРАТ** *а.* خسارت *кит.* зиён дидан; зарар, зиён, осеб; **хасорат дидан** зарар дидан, ба зарар дучор шудан.

**ХАСОСАТ** *а.* خساست хасисӣ, лаимӣ, мумсикӣ, сахтӣ.

**ХАСПАРВАР** خس پرور дунпарвар, нокаспарвар.

**ХАСПАРДА** خس پرده пардаи хасин.

**ХАСПОЯ** خس پایه пояи хас ё ягон гиёҳ.

**ХАСПУЛӢ** خس پولی *кҳн.* навъе аз андози замони амирӣ (*барои заминҳои киштношуда*).

**ХАСПӮШ** خس پوش бо хас пӯшондашуда; боми хаспӯш, боме, ки бо хас пӯшонда шудааст; **хаспӯш кардан** а) бо хошок пӯшонидан болои чизеро; б) *маҷ.* пӯшондан, махфӣ нигоҳ доштан сирро ё гуноҳеро; **хаспӯш шудан** пӯшида шудани сирре, пинҳон мондан, фош нашудани сирре, рӯпӯш карда шудани гуноҳ ё ҷинояте.

**ХАСРӮБА** خس روبه хасу хошоки рӯфта ба як ҷо ҷамъ кардашуда; ахлот.

**ХАСРӮБАДОН** خس‌روبه دان ахлотдон, ҷои рехтани хасрӯбаҳо.

**ХАСТА** I خسته 1. харошёфта, озурда. 2. дардманд, бемор. 3. ранҷдида, фарсуда, шалпаршуда, кӯфта (*аз коре ё аз паймудани раҳи дур*); **овози хаста** садои гирифта; **хаста кардан** а) озурдан, маҷрӯҳ кардан; б) мондаву фарсуда кардан; в) харошидан; **хаста шудан** а) харош ёфтан; б) монда шудан, шалпар шудан, озурда шудан.

**ХАСТА** II خسته донак, мағзи донак; **хастаи зардолу** донаки зардолу.

**ХАСТАГӢ** خستگی 1. беморӣ, касалӣ, ранҷурӣ. 2. мондагӣ, бемадорӣ, шалпарӣ (*аз кори зиёд ё роҳи дур*).

**ХАСТАДИЛ** خسته‌دل 1. он ки дилаш маҷрӯҳ шуда бошад; ғамгин, андӯҳгин; озурдадил, ранҷида. 2. *маҷ.* ошиқ.

**ХАСТАДИЛӢ** خسته دلی 1. ғамгинӣ, озурдадилӣ, ранҷидагӣ. 2. *маҷ.* ошиқӣ.

**ХАСТАКУНАНДА** خسته‌کننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **хаста кардан**; дилгиркунанда; дурудароз; тӯлонӣ; чизе, ки боиси мондашавӣ мегардад.

**ХАСТАН** خستن 1. харошидан, ханҷол кардан; озурдан, маҷрӯҳ кардан. 2. халондан.

**ХАСТАНАШАВАНДА** خسته‌نشونده монданашаванда, дилгирнашаванда.

**ХАСТАНОПАЗИР** خسته ناپذیر *ниг.* **хастагинопазир**.

**ХАСТАХОТИР** خسته خاطر *ниг.* **хастадил**.

**ХАСТАҲОЛ** خسته حال 1. озурда, бетобу тавон. 2. ғамдида.

**ХАСТАҲОЛӢ** خسته‌حالی дилшикастагӣ, озурдагӣ, ранҷидагӣ.

**ХАСТАҲОЛОНА** خسته حالانه шалпарона, бемадорона.

**ХАСТАҶИГАР** خسته جگر *ниг.* **хастадил**.

**ХАСТАҶОН** خسته جان *ниг.* **хастадил**.

**ХАСТАҶОНӢ** خسته جانی *ниг.* **хастаҳолӣ**.

**ХАСТАШАВӢ** خسته‌شوی монда шудан, шалпар шудан.

**ХАСТУВОНА//ХУСТУВОНА** خستوانه либоси пашмини дарвешон.

**ХАСТУТ** خستوت тути хасак, тути ёбоии пайванднашуда.

**ХАСУР** خسور зиёндида, зарардида.

**ХАСФ** *а.* خسف 1. фурӯравӣ ба зери замин, **хасф кардан** фурӯ бурдан, пинҳон кардан. 2. гирифтани Моҳ, гирифта шудани Моҳ.

**ХАСХОНА** خسخانه коза, чайла, каппа, хонаи хасин.

**ХАТ I** خط 1. фосилаи байни ду нуқта, он чи (кашиши қалам ё дигар) байни ду нуқтаро бо ҳам мепайвандад; **хати рост** хате, ки кӯтоҳтарин фосилаи байни ду нуқтаро бо ҳам мепайвандад; **хати устуво** доираи тасаввурӣ, ки кураи заминро ба ду нимкура (шимолӣ ва ҷанубӣ) ҷудо мекунад, экватор; **хат кашидан** а) ҷадвал кашидан, хатдор кардан; б) ботил кардан, нест кардан, хат задан, аз эътибор соқит шумурдан. 2. *маҷ.* тарз, роҳ, равиши пешгирифташуда дар коре; **хати сайр** сайрхат; **хати ҳаракат** тарзи амал.

**ХАТ II** خط 1. он чи навишта шудааст, навишта. 2. маҷмӯи аломатҳое, ки дар як забон вақти навиштан ба кор меравад (*ҳарфҳо ва аломатҳои дигар*): **хати русӣ**, **хати арабӣ**; **хати арабиасоси тоҷикӣ** хати дар асоси алифбои арабӣ таҳияшудаи тоҷикӣ (форсӣ); **хати лотинии тоҷикӣ** хати дар асоси алифбои лотинӣ таҳияшудаи тоҷикӣ, ки аз соли 1930 то соли 1940 ҷорӣ буд; **хати русиасоси тоҷикӣ** хати дар асоси алифбои кириллӣ таҳияшудаи тоҷикӣ; 3. тарзи навишт: **хати хуб**, **хати хоно**; **хату савод** хондан ва навиштан; **хату савод доштан** хондан ва навиштан тавонистан; **ҳусни хат** зебоии тарзи навишт, санъати зебонависӣ, хушнависӣ. 4. мактуб, нома; **хати сиёҳ** хате, ки вақти ҷанг дар бораи кушта шудани касе ба наздиконаш фиристода мешуд; **хат гирифтан** нома гирифтан, омадани мактуб аз ҷое ба касе; **хат задан** хат кашида ботил кардани он чи навишта шудааст, аз эътибор соқит кардан; **хат кардан** нома навиштан, нома фиристодан, мактуб навиштан; **хату мӯҳр карда додан** дар барои масъалае ба касе хати (ҳуҷҷати) расмӣ додан.

**ХАТАК** خطک 1. ҷӯяк, шиёр. 2. *маҷ.* ожанг.

**ХАТАНАК** ختنک як хел дарахти буттагии кӯҳӣ, ки меваи ширини сиёҳи хурдтар аз олуболу дорад; *номи дигараш* **яхманак**.

**ХАТАР** *а.* خطر ҳолати хавфнок, хавф, бим; бими нобудшавии чизе; **бонги хатар** огоҳӣ дар бораи эҳтимоли рӯй додани хавфе; **хатари ҷанг** хавфи сар задани ҷанг.

**ХАТАРАНГЕЗ** خطرانگیز *ниг.* **хатаровар**.

**ХАТАРНОК** خطرناک хавфнок, пурхатар, бимнок.

**ХАТАРНОКӢ** خطرناکی имконияти таҳдид ва рӯй додани ягон ҳодисаи хавфнок ва ҳалокатовар.

**ХАТАРОВАР** خطرآور хатарангез, хатрэҷодкунанда, хатарзо.

**ХАТБАР** خط بر он ки аз як кас ба каси дигар мактуб мебарад, қосид, пайк.

**ХАТБАРАК** خط برک *ниг.* **хатбар**.

**ХАТБАРДОР** خط بردار хатбар, хатбаранда.

**ХАТБАРДОРӢ** خط برداری хатбарандагӣ.

**ХАТБАРӢ** خط بری хаткашонӣ, номабарӣ, номарасонӣ.

**ХАТБИЁР** خط بیار хатовар, номаовар; номарасон.

**ХАТБОРОН** خط باران ба касе бисёр ва паи ҳам мактуб навиштан; **хатборон кардан** бисёр ва ба такрор ба касе ё ба ҷое нома навиштан.

**ХАТВА//ХАТВАТ** *а.* خطوه//خطوت қадам, фосилаи

байни ду по.

**ХАТДОН** خطدان хатхон, босавод, соҳиби хату савод; **хатдон шудан** босавод шудан, хату савод баровардан.

**ХАТДОР** خطدار хаткашида, рахдор, рах-рах (*коғаз, дафтар*).

**ХАТИАТ** *а.* خطيئت гуноҳ, хато, ҷурм, айб.

**ХАТИБ** *а.* خطيب он ки дар масҷидҳо хутба мехонад, хутбахон: **хатиби масҷид**.

**ХАТИР** *а.* خطير калон, бузург; муҳим.

**ХАТКАШ** خط‌کش хат кашанда; хатбар.

**ХАТКАШАК** خط‌کشک ҷадвал, абзори чӯбин ё филизӣ, ки бо он хати рост кашида мешавад.

**ХАТКАШӢ** خط‌کشی хат кашидан ба рӯи коғаз ба воситаи хаткашак-ҷадвал.

**ХАТКАШОН** خط‌کشان хатбар, пайк, номарасон, қосид.

**ХАТКӮРКУНАК** خط‌کورکنک порчаи махсуси резинӣ барои кӯр кардани хати навишташуда, хатпок.

**ХАТЛИХИРОМ** ختلی‌خرام *киноя аз* аспе, ки монанди аспи хатлонӣ мехиромад.

**ХАТЛӢ** ختلی *мансуб ба* **Хатлон**, ки аспони хуб он ҷо парвариш меёфтанд.

**ХАТМ** *а.* ختم 1. *кит.* мӯҳр задан, мӯҳр гузоштан; мӯҳр; **хатм будан** *маҷ.* мансуб будан, муайян будан. 2. поён, анҷом, тамом, хатми таҳсил, хонданро дар ягон мактаб ба анҷом расондан; **хатми Қуръон** Қуръонро аз аввал то ба охир хонда тамом кардан. 3. маросими фотиҳахонӣ барои мурдагон, ки хатми Қуръон карда мешавад.

**ХАТМАШҚКУНӢ** خطمشق‌کنی тамрин дар хатнависӣ, омӯзиши хат, машқи навиштани хат.

**ХАТМӢ** خطمی гули шайпуршакл, ки гул ва решаи он дар тиб ба кор меравад.

**ХАТМКАРДА** ختم‌کرده 1. муллое, ки дарсҳои расмии мадрасагиро хонда ба итмом расонидааст. 2. касе ки ягон мактабро тамом кардааст.

**ХАТМКУНАНДА** ختم‌کننده тамомкунандаи мактаб, он ки дар остонаи тамом кардани таҳсил қарор дорад.

**ХАТНА** *а.* ختنه 1. буридани пӯсти сари олати мардинаи бача. 2. маросими махсусе, ки ба муносибати буридани пӯсти сари олати мардинаи бача барпо карда мешавад: **тӯи хатна**, **хатна кардан**.

**ХАТНАВИС** خطنویس он ки хатнависиро омӯхтааст, бохату савод; **хатнавис шудан** хат навишта тавонистан, хатнависиро омӯхтан.

**ХАТНАВИСӢ** خطنویسی навиштани хат, номанигорӣ, мактубнависӣ; асбоби хатнависӣ, лавозими хат, нигориши хат (*қалам, коғаз, сиёҳӣ*).

**ХАТНАКУНӢ** ختنه‌کنی маросими хатна, хатна кардан.

**ХАТНАСУР** ختنه‌سور маросим (тӯе), ки ба муносибати хатна кардани кӯдакон барпо карда мешавад.

**ХАТНАТӮЙ** ختنه طوی *ниг.* **хатнасур**.

**ХАТНОК** خطناک босавод, хатхон ва хату саводнок.

**ХАТО** خطا саҳв, ғалат, иштибоҳ, кори нодуруст, гуноҳи ғайрибарқасд; **хато гузаштан аз** *касе* рӯй додани иштибоҳ аз касе, содир шудани хатое аз касе; **хато кардан** саҳв кардан, иштибоҳ намудан; **чашми** *касеро* **хато кардан** касеро ба ғафлат монда кореро анҷом додан; **хато хӯрдан (тир)** ба ҳадаф нарасидан; *маҷ.* ҳосил нашудани муддаои мавриди назар.

**ХАТОБАХШ** خطابخش он ки хатову саҳви касеро мебахшад; он ки гуноҳи содиршуда аз касеро афв мекунад.

**ХАТОБАХШӢ** خطابخشی гуноҳбахшӣ, афвкунӣ, аз гуноҳи касе гузаштан.

**ХАТОБИН** خطابین айббин, бадбин; айбҷӯ, нуқсонбин.

**ХАТОВАР** خطآور *киноя аз* ҷавоне, ки ришу мӯйлаб нав бароварда бошад, ҷавони навхат.

**ХАТОӢ** خطائی нодурустӣ, иштибоҳ, ғалат; гуноҳ.

**ХАТОКОР** خطا کار касе ки хато мекунад, касе ки аз вай хатое содир шудааст; гумроҳ, гунаҳкор.

**ХАТОКОРӢ** خطاکاری гумроҳӣ, гунаҳкорӣ, иштибоҳ кардан.

**ХАТОПЕША** خطا پیشه касе, ки бисёр хато мекунад, хатокор.

**ХАТОПӮШ** خطا پوش касе, ки гуноҳи дигареро авф мекунад ва мепӯшонад.

**ХАТОРАВӢ** خطاروی гумроҳшавӣ, ғалатравӣ, каҷравӣ, бо роҳи хато рафтан.

**ХАТОФАҲМӢ** خطافهمی нодуруст фаҳмидан; хатоандешӣ, мулоҳизаи нодуруст.

**ХАТОШУНАВӢ** خطاشنوی ғалатшунавӣ, нодуруст шунидан, ғалат фаҳмидан.

**ХАТ(Т)Ӣ** خطی бо ҳарф навишташуда; аз рӯи хат; дар шакли навишта.

**ХАТТОТ** خطات хатнавис, хушхат.

**ХАТТОТӢ** خطاطی шуғли хаттот, хатнависӣ.

**ХАТХОН** خط خوان босавод, дорои хату савод, он ки хонда метавонад.

**ХАТЧА** خطچه мактубча, арзнома.

**ХАТЧӮБ** خطچوب 1. чарм, чӯбча ё коғазпорае, ки барои ёфтани саҳифаҳои даркор байни саҳифаҳои китоб гузошта мешавад. 2. ҳисобчӯби чор тарафаш тарошидае, ки барои нигоҳ доштани ҳисоби чизе ба ҳар воҳиди муайян дар рӯи он бо корд рахнае зада ё ишорате карда мешавад.

**ХАТШИНОС** خط شناس шиносандаи хат, огоҳ аз хусусиятҳои хушнависӣ.

**ХАТШИНОСӢ** خطشناسی хатшинос будан, амали хатшинос.

**ХАФ** خف гиёҳе, ки зуд оташ мегирад; пахта ё латтае, ки барои даргирондани алав истифода мешавад, пешгирон.

**ХАФА** خفه ғамгин, озурда, дилгир, дилтанг, зиқ; **хафа кардан** а) ранҷондан, боиси ранҷиш ва озори касе гардидан; б) буғӣ кардан; **хафа шудан** ғамгин шудан, озурда шудан, ранҷидан, зиқ шудан, дилтанг шудан.

**ХАФАБУҒ** خفه بغ буғикарда, хафакарда; **хафабуғ кардан** буғӣ карда куштан.

**ХАФАГӢ** خفگی 1. ғамгинӣ. 2. озурдагӣ, озурдахотирӣ, дилмондагӣ, дилтангӣ.

**ХАФАКУНАНДА** خفه کننده 1. зиққкунанда, озордиҳанда. 2. буғикунанда.

**ХАФАҚОН** خفه قان *тиб.* бемории таппиши дил; **хафақон гирифтан** таппиши дил пайдо шудан, ҳамлаи (авҷгирии) бемории дил.

**ХАФАНАМО** خفه نما ғамгин барин, дар намуд дилтанг ва озурда.

**ХАФИФ** *а.* خفیف 1. *кит.* сабук; *муқоб.* **сақилвазнин**; **овози хафиф** овози паст, овози нарму оҳиста. 2. нарм, оҳиста. 3. яке аз баҳрҳои вазни арӯз (фоилотун мустаъфилун фоилотун).

**ХАФӢ** خفی пӯшида, ниҳон; *муқоб.* **ошкор**; **хафӣ ва ҷалӣ** пинҳону ошкор.

**ХАФО** *а.* خفا пӯшидагӣ, мастур, пинҳон ва махфӣ будан.

**ХАФТОН** خفتان *кит.* ҷомаи сипоҳиён, ки аз таги зиреҳ мепӯшиданд.

**ХАФФОШ** *а.* خفاش кӯршапарак, муши паррон, шабпарак.

**ХАФЧА** خفجه *кит.* шӯша, порчаи рехтаи тилло ё нуқра.

**ХАЧИР** خچیر ҳайвонест, ки аз насли хар ва модиёни асп ба вуҷуд меояд, ҳайвони хеле борбардор ва пуртоқат.

**ХАЧИРБОН** خچیربان нигаҳбони хачирҳо, нигоҳубинкунандаи хачир, соҳиби хачир.

**ХАФҶА** خفجه 1. *кит.* дарахте аз ҷинси дарахти дӯлона. 2. *маҷ.* зулф, кокул.

**ХАШ** I خش **:либоси хашу бархаш** либоси пуркарру фар.

**ХАШ** I خش модарзан, модарарӯс; модаршавҳар, хушдоман.

**ХАШАБ** *а.* خشب чӯб, тахта.

**ХАШАН** خشن як навъи гиёҳе, ки аз он ҷома мебофтанд ва онро камбағалону қашшоқон мепӯшанд.

**ХАШАНСОР** خشنسار *кит.* навъе аз мурғобӣ, ки ранги баданаш тира ва сараш сафед аст.

**ХАШАР-ХАШАР** خشرخشر овозе, ки аз ба ҳам расидани матои абрешимӣ, коғаз *ва г.* ҳосил мекунад.

**ХАШИН** *а.* خشین сахт, дурушт, зумухт, ноҳамвор; бадхӯ, бадмуомила.

**ХАШИНА** خشینه *кит.* хокистарранг, хокис–таррангӣ, сиёҳтоб.

**ХАШМ** خشم қаҳр, ғазаб, ҷаҳл; **дар сари хашм** ҳангоми қаҳру ғазаб, аз рӯи хашм ва итоб; **хашм гирифтан** хашмгин шудан, ғазабнок

шудан; **хашм кардан бар** *касе* ғазабнок шудан, аз рӯи қаҳр итоб кардан; **ба хашм овардан** *касеро* касеро ғазабнок кардан; **ба хашм омадан** хашмгин шудан, ғазабнок шудан, барошуфтан; **дар хашм шудан** хашм гирифтан, ба қаҳру ғазаб омадан, ғазабнок шудан; **хашмро фурӯ бурдан** хашми худро паст кардан, аз изҳори ғазаб худдорӣ намудан.

**ХАШМАНГЕЗ** خشم انگیز *ниг.* **хашмовар**.

**ХАШМГИН** خشمگین оташин, ғазабнок, дар ҳолати хашм; **хашмгин шудан** ба ғазаб омадан, оташин шудан.

**ХАШМГИНӢ** خشمگینی хашмнокӣ, ғазабнокӣ, оташинӣ.

**ХАШМГИНОНА** خشم گینانه дар ҳолати қаҳру ғазаб, бо қаҳру ғазаб, қаҳролуд.

**ХАШМИН** خشمین *ниг.* **хашмгин**.

**ХАШМНОК** خشم ناک *ниг.* **хашмгин**.

**ХАШМНОКӢ** خشمناکی ғазабнокӣ, ғазаболудагӣ, хашмгинӣ.

**ХАШМОВАР** خشمآور хашмангез, хашмэҷодкунанда, хашмзо.

**ХАШМОЛУД** خشمآلود бо осори қаҳру ғазаб, ғазабнок, хашмгин.

**ХАШУК//ХУШУК** خشوک *кит.* 1. фарзанди ҳаромӣ, ҳаромзода. 2. *маҷ.* одами бад, зишт.

**ХАШ-ХАШ** خش خش хашмолуд нафас гирифтан, канда-канда бо овоз нафас кашидан.

**ХАШХОШ** خشخاش кӯкнордона, донаҳои майдаи сафеди ғӯзаи кӯкнор, ки аз онҳо равған мекашанд.

**ХАШШОС** خشاس овози хаш-хаш; **хашшос задан** садои хаш-хаш баровардан, гирифтани гулӯ ва хиррӣ шудани овоз.

**ХВАШ** خوش *ниг.* **хуш**.

**ХЕ** خ *номи ҳарфи нӯҳуми алифбои арабии тоҷикӣ, ки дар ҳисоби абҷад ба адади 600 баробар аст.*

**хез** خیز 1. *асоси замони ҳозира аз* **хестан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* фаровонии чизе, рӯянда, бароянда, хезанда: **саҳархез**, **ҳосилхез**, **нафтхез**, **зархез** *ва г.*

**ХЕЗ** خیز 1. ҷаҳиш, аз ҷой баланд паридан бо як ҷаст; **хез задан (кардан)** ҷастан, ҷаҳидан; **бо як хез** бо як ҷаҳиш. 2. хезидан, бархостан, баланд шудан.

**ХЕЗЗАНАНДА** خیززننده ҷаҳанда, аз ҷой болопаранда.

**ХЕЗЗАНӢ** خیززنی ҷаҳиш, ҷастан, болопарӣ.

**ХЕЗОБ** خیزآب ҷаҳиши об, мавҷи об.

**ХЕЗОН** خیزان дар ҳолати хестан; **афтону хезон** афтодаву хеста, афтидан ва бархостан.

**ХЕЗОН(И)ДАН** خیزاندن//خیزانیدن 1. аз ҷои нишаст баланд кардан, сари по гузоштан. 2. барпо кардан, сабабгор ва ангезонандаи коре шудан, шӯронидан: **ҷанҷол хезондан**, **балво хезондан**.

**ХЕКИРТАК** خیکرتک гулӯ, нои гулӯ.

**ХЕЛ I** خیل навъ, гуна; **хел ба хел** гуна-гуна, навъ ба навъ; **ҳамин хел** ин тавр, ин тариқ, ин гуна, ин қабил.

**ХЕЛ II** خیل *ниг.* **хайл**; даста, гурӯҳ, тӯда, тоифа, қабила.

**ХЕЛЕ** خیلی зиёд, бисёр, фаровон, анча.

**ХЕЛМАХЕЛ** خیلمخیل рангоранг, гуногун.

**ХЕЛО** خیلا *ниг.* **хеле**.

**ХЕСИДАН** خیسیدن *кит.* 1. тар кардан, намнок кардан. 2. тар шудан, намнок шудан, хес (хис) шудан.

**ХЕСОНИДАН** خسانیدن *кит. шакли бавоситаи* **хесидан**, тар кардан, намнок кардан.

**ХЕСТАН//ХЕҶИДАН** خیستن//خیجیدن 1. баланд шудан аз ҷо. 2. бархостан, сар шудан, оғоз ёфтан. 3. бедор шудан (*аз хоб*). 4. қиём кардан, шӯридан. 5. пайдо шудан, баромадан

**ХЕШ I** خویش 1. худ, аз они худ. 2. касе ки бо касе нисбате дорад; **аввал хеш, баъд дарвеш** (*зарб.*); **хешу табор** хешовандон, ақрабо; **хеши дур** ақрабои дур; *муқоб.* **хеши наздик**; **хеш будан** нисбати ақрабоӣ доштан; **хеш шудан** бо ҳам ба нисбати ақрабо шудан, хешӣ пайдо кардан.

**ХЕШ//ХАЙШ II** خیش *кит.* матои дағали зағирпоягӣ, ки аз он парда, қолин *ва г.* тайёр мекунанд.

**ХЕШ III** خویش *кит.* чӯбе, ки бар гардани гов мебастанд.

**ХЕШБАЧА** خویش‌بچه фарзанди яке аз хешон ва ақрабо.

**ХЕШБИН** خویش‌بین худбин, худписанд, мағрур, мутакаббир.

**ХЕШИГАРӢ** خویشی‌گری таборӣ, хешовандӣ, ақрабоӣ.

**ХЕШӢ** خویشی таборӣ, ақрабо будан, наздикӣ; **хешӣ доштан** бо ҳам нисбати ақрабогӣ доштан, хешу табор будан.

**ХЕШКОМ** خویش‌کام худсар, инодкор, худрой.

**ХЕШКОР** خویش‌کار деҳқон, барзгор, кишоварз.

**ХЕШНАШИНОС** خویش‌نشناس беҳаё, беадаб, беобрӯ.

**ХЕШОВАНД** خویشاوند касе, ки бо касе нисбати хешу таборӣ дорад, яке аз хешон.

**ХЕШОВАНДӢ** خویشاوندی таборӣ, қаробат, хешӣ.

**ХЕШТАН** خویشتن *ниг.* **хеш** 1.

**ХЕШТАНБИН** خویشتن بین *ниг.* **хешбин**.

**ХЕШТАНБИНӢ** خویشتن بینی *ниг.* **худпарастӣ**.

**ХЕШТАНПАРАСТ** خویشتن پرست *ниг.* **худпараст**.

**ХЕШТАНПАРАСТӢ** خویشتن‌پرستی *ниг.* **худ–парастӣ**.

**ХЕШТАНШИНОС** خویشتن شناس худшинос.

**ХЕШТАНШИНОСӢ** خویشتن شناسی худшиносӣ.

**ХЕШУАҚРАБОЙ** خویش و اقربائی *ниг.* **хешовандӣ**.

**ХЕШУТАБОРБОЗӢ** خویش‌وتباربازی хешовандбозӣ, хешовандпарастӣ.

**ХЕШУТАБОРӢ** خویش و تباری *ниг.* **хешовандӣ**.

**ХИБРАТ** *а.* خبرت дониш, дониши расо; доноӣ, таҷрибанокӣ.

**ХИДМАТ** *а.* خدمت *ниг.* **хизмат**.

**ХИДМАТГОР** خدمت‌گار ходим, он ки хизмат мекунад, он ки ба касе кор мекунад.

**ХИДМАТГУЗОР** خدمت‌گذار хидматкунанда, хидматгор, ходим.

**ХИДМАТГУЗОРӢ** خدمت‌گذاری хизматкунӣ, ходимӣ, хизматгузорӣ.

**ХИДМАТӢ** خدمتی 1. хизматгорӣ, ба ҷо овардани хизмати касе, навкарӣ. 2. он ки дар сафари хидматӣ аст, он ки барои кори идорӣ ба ҷое фиристода шудааст: **сафари хидматӣ**.

**ХИДМАТПАНОҲ** خدمت‌پناه *ниг.* **хизматгузор**.

**ХИДР** *а.* خدر 1. парда барои духтарон дар гӯшаи хона; ҷойгоҳ барои занон дар манзил; 2. парда, чодир, ниқоб; ◊ **хидри муалло** ибораи лақабмонанд, ки дар ҳаққи зани мӯҳтарам гуфта мешавад.

**ХИЁБОН** خیابان роҳи рости васеъ ва дароз дар шаҳр.

**ХИЁМ** *а.* خیام *ҷ.* **хайма**.

**ХИЁНАТ** *а.* خیانت нақзи аҳду паймон, аҳдшиканӣ, бевафоӣ; **хиёнат бар амонат** мол ё чизи барои нигоҳдорӣ супурдашударо дуруст нигоҳ надоштан; **хиёнат кардан** нисбат ба касе, ё вазифае, ё ватани худ бевафоӣ ва аҳдшиканӣ кардан.

**ХИЁНАТГАР** خیانت گر *ниг.* **хоин**.

**ХИЁНАТГАРӢ** خیانت گری хиёнаткорӣ, хоинӣ.

**ХИЁНАТГАРОНА** خیانت گرانه *ниг.* **хоинона**.

**ХИЁНАТКОР** خیانت کار *ниг.* **хоин**.

**ХИЁНАТКОРӢ** خیانت کاری хиёнат, аҳдшиканӣ, бевафоӣ ба аҳду паймон.

**ХИЁНАТКОРОНА** خیانت‌کارانه бевафоёна; бо макру фиреб.

**ХИЁНАТПЕША** خیانت پیشه *ниг.* **хиёнаткор**.

**ХИЁР** I *а.* خیار бодиринг; як навъ бодиринг.

**ХИЁР** II *а.* خیار ирода, ихтиёр.

**ХИЁРА** *а.* خیاره чизи ихтиёр карда, баргузида, интихобшуда, хушкарда; **хиёра кардан** хуш кардан, баргузидан.

**ХИЗМАТ//ХИДМАТ** خذمت//خدمت 1. кор кардан барои касе. 2. кор, фаъолият. 3.вазифа, коре, ки инсон ё чизи дигар ба иҷрои он ӯҳдадор аст: **хизмати ҳарбӣ**, **хизмати нақлиёт**. 4. кор ва фаъолияти шоёни эҳтиром ва сазовори таҳсини умум; **ҳаққи хизмат** музди кор; **ба хизмат гирифтан** касеро барои иҷрои коре қабул кардан; **ба хизмат камар бастан** ба иҷрои коре омода будан; **хизмат кардан** кор кардан, вазифаеро ба ҷо овардан, супоришеро иҷро кардан.

**ХИЗМАТГОР** خذمت گار пешхизмат, он ки барои

касе кор мекунад: **хизматгори дари хона**, **хизматгори халқ**.

**ХИЗМАТГОРЗАН(АК)** خدمتگارزن//خدمتگارزنک зане, ки хизматгор аст, он ки дар хонаи касе ба хидматгузорӣ машғул аст.

**ХИЗМАТГОРӢ** خدمتگاری навкарӣ, хизматгузорӣ.

**ХИЗМАТГУЗОР** خدمتگذار хизматкунанда, ходим, хизматгор.

**ХИЗМАТГУЗОРӢ** خدمتگذاری *ниг.* **хидматгузорӣ**.

**ХИЗМАТӢ** خدمتی *ниг.* **хидматӣ**.

**ХИЗМАТНИШОНДОДА** خدمت نشانداده касе, ки хизматҳои намоён кардааст: **ходими хизматнишондодаи илм**, **муаллими хизматнишондода**.

**ХИЗМАТОНА** خدمتانه музди хизмат, ҳаққи кори кардашуда.

**ХИЗМАТПЕША** خدمت پیشه *ниг.* **хидматпеша**.

**ХИЗМАТРАСОН** خدمت رسان *ниг.* **хидматрасон**.

**ХИЗМАТРАСОНӢ** خدمترسانی эҳтиёҷи зиндагии мардумро ба ҷо овардан.

**ХИЗМАТЧӢ** خدمتچی корманди идораи давлатӣ, корманди соҳаи меҳнати ақлонӣ.

**ХИЗОБ** *а.* خضاب ранг, ҳино, вусма, ҳар ранге, ки мӯй, панҷаи дасту поро бо он барои ороиш ранг мекунанд.

**ХИЗОНА** *а.* خزانه *ниг.* **хазина**.

**ХИЗР** *а.* خضر 1. сабзазор, ҷои серсабза. 2. мувофиқи ривоёти динӣ номи пайғамбарест, ки оби ҳаётбахш нӯшида, умри абадӣ ёфтааст.

**ХИК** خیک зарфи чармини калоне, ки дар он об, равған ва моеоти дигар нигоҳ медоранд.

**ХИКГАРДАН** خیک گردن гарданғафс, дорои гардани пургӯшти фарбеҳ.

**ХИЛВАТ** *а.* خلوت 1. танҳоӣ, гӯшанишинӣ. 2. ҷои танҳонишинӣ, ҷои холӣ аз бегонагон.

**ХИЛВАТГОҲ** خلوت گاه *ниг.* **хилватхона**.

**ХИЛВАТГУЗИН** خلوتگزین он ки ҷои хилват, танҳоиро ихтиёр мекунад.

**ХИЛВАТГУЗИНӢ** خلوتگزینی ҷои хилват, танҳоиро ихтиёр кардан.

**ХИЛВАТӢ** خلوتی касе, ки дар хилват нишастааст, гӯшанишин, парданишин.

**ХИЛВАТКАДА** خلوتکده хилватхона, ҷои осоиш; ҷое, ки суфиён гӯшагиру узлатнишин мешуданд.

**ХИЛВАТНИШИН** خلوت نشین он ки дар гӯшаи танҳоӣ менишинад, он ки танҳоӣ ихтиёр кардаст.

**ХИЛВАТНИШИНӢ** خلوتنشینی танҳоӣ, гӯшанишинӣ, узлат.

**ХИЛВАТСАРОЙ** خلوت سرای *ниг.* **хилватхона**.

**ХИЛВАТХОНА** خلوتخانه 1. ҷои хилват, ҷои танҳо ва холӣ аз бегонагон. 2. ҷои осоиш.

**ХИЛҚАТ** *а.* خلقت офариниш, пайдоиш, ба вуҷуд омадан; **хилқати олам** офариниши олам.

**ХИЛМ** I خلم хашм, ғазаб.

**ХИЛМ** II *а.* خلم дӯст, рафиқ.

**ХИЛМ** III خلم оби (фиси) бинӣ; **хилми бинӣ** а) фиси бинӣ; б) *маҷ., гуфт.* наарзанда, паст (*оид ба инсон*).

**ХИЛМ** IV خلم чирк, фасод, хилд, рим; **хилми чашм** рими чашм.

**ХИЛОЛ** خلال 1. байни ду чиз, фосила дар миёни ду чиз; **дар хилоли**... дар байни..., дар фосилаи... 2. дандонхилол, чӯби махсуси дандонковӣ; **хилол кардан** ду чизро аз ҳам ҷудо кардан, мӯи ришро тор-тор кардан.

**ХИЛОФ** *а.* خلاف зид, муқобил, мухолиф, зиддият, носозгорӣ; ношоиста (амал, рафтор); **ба хилофи**... бар акси..., бар зидди..., ба муқобили...

**ХИЛОФАТ** *а.* خلافت 1. ба ҷои касе баъд аз вай нишастан, ҷонишин шудан. 2. халифа будан, халифагӣ кардан (*ниг.* **халифа**).

**ХИЛОФӢ** خلافی 1. муқобилӣ, носозгорӣ. 2. *збш.* як навъи пайвандакҳо. 3. *збш.* як навъи ҷумлаҳои пайрав

**ХИЛОФКОР** خلافکار касе ки аз вай корҳои ношоиста содир мешавад.

**ХИЛТ** *а.* خلط 1. ҳар чизе, ки бо чизи дигар омехта шудааст, таркиб, омезиш. 2. *тиб.* яке аз модаҳои чоргона; хун, балғам, сафро ва савдо, ки гӯё ҳама бемориҳо аз онҳо сар мезадааст.

**ХИЛЪАТ** خلعت 1. ҷома, сарулибосе, ки подшоҳ, амир ё калоншавандае ба касе мебахшид. 2. ҷома, сарулибос.

**ХИЛЪАТПӮШОНӢ** خلعت‌پوشانی 1. хилъат пӯшондан; ҷомапӯшонӣ. 2. *кӯҳн.* маросими инъоми хилъати қиматбаҳо ва бошукӯҳ, ки амирону шоҳон мебахшанд. 3. *кӯҳн.* дар тасаввуф маросими ба муриди бакамолрасида пӯшондани хилъат чун нишонаи мустақил гардидани ӯ.

**ХИМ** I خیم 1. *кит.* ифлосӣ, чиркинӣ, чирке, ки дар гӯшаи чашм пайдо мешавад, хилд. 2. ҷароҳат, яра, захм.

**ХИМ** II خیم *кит.* хӯи бад, хӯ, атвор, феъли бад.

**ХИМ** III خیم *кит.* ҷуволе, ки аз нахи пахта бофта мешавад.

**ХИМИЁВӢ** خیمیاوی *мансуб ба* **химия**.

**ХИМИЗАТСИЯ** *лот.* خیمیزتسیه бо лавозимоти химия таъмин кардан: **химизатсияи кишоварзӣ**.

**ХИМИКАТ** خیمیکت *лот.* маҳсулоти саноати химиявӣ, моддаҳои таркибии химиявӣ.

**ХИМИКӢ** خیمیکی *мансуб ба* **химия**; *мансуб ба* ҳодисаҳо ва амалиёти химиявӣ.

**ХИМИЯ** *лот.* خیمیه яке аз илмҳои асосии табиатшиносӣ, ки таркиб, сохти дохилӣ, тағйирот ва таҳаввулоти моддаро меомӯзад, кимиё, шимӣ.

**ХИМИЯВӢ** خیمیوی *ниг.* **химикӣ**.

**ХИМОР** *а.* خمار парда, чодар, ҳиҷоб, фаранҷӣ.

**ХИМЧА** خیمچه шохаи борику дарози баргҳояш кандашудаи дарахт.

**ХИМЧАБАДАН** خیمچه بدن мавзунбадан, дорои қаду қомати зебову чандир.

**ХИМЧАГИН** خیمچه‌گین аз химча, шоха, навда сохташуда.

**ХИМЧАГӢ** خیمچگی 1. лоғарӣ, лоғарандомӣ. 2. бачагӣ, кӯдакӣ.

**ХИМЧАКОРӢ** خیمچه‌کاری *ниг.* **химчакӯб**.

**ХИМЧАКӮБ** خیمچه‌کوب **:химчакӯб кардан** шаллоқ задан, ҷазодиҳӣ бо химча.

**ХИМЧАМИЁН** خیمچه‌میان нозукмиён, борикмиён; танноз, зебо, хушқаду қомат, хушандом, зариф.

**ХИНА** خینه хинин, гина-гина (*доруи зидди вараҷа, ки аз пӯсти дарахти хина тайёр карда мешавад*).

**ХИНГ** خنگ асп, аспи сафеду хокистарранг; **хинги хатлӣ** аспи хатлонӣ, аспи кӯлобӣ; ◊ **хинги магасӣ** аспи сафед, ки холҳои сиёҳ дорад; **хинги айём дар рон будан** соҳибихтиёр, фармонраво, комрон ва бахтиёр будан.

**ХИНГИЛ** خنگل **:хару хингил** чорпоёни савориву боркаш, хар бо бору бунааш.

**ХИНЗИР** *а.* خنزیر хук, ҳайвони машҳури хонагӣ ва ёбоӣ.

**ХИРА** خیره 1. тира, тор, торик; **ғубори хира**. 2. камнур, норавшан, бефурӯғ, беҷило: **равшании хира**, **чашми хира**. 3. *маҷ.* гирифта, афсурда, нохуш; **табъи хира, табъи** *касеро* **хира кардан** дили касеро сиёҳ кардан, кайфияти касеро нохуш кардан. 4. бешарм, беҳаё, густох; **хира шудан** а) тира шудан, тор шудан; б) камнур шудан, бефурӯғ шудан; в) гирифтан, нохуш шудан (*аҳвол, кайфият*); **хира-хира** тиратира, хеле норавшан, базӯр намоён; **хира-хира нигоҳ кардан** тираруёна нигаристан; **хира-хира сӯхтан** тира сӯхтан, камнур сӯхтан (*чароғ*).

**ХИРАБИН** خیره بین он ки чашмаш нағз намебинад, пеши чашмаш тор аст; наздикбин.

**ХИРАГӢ** خیرگی 1. тирагӣ, торӣ, камнурӣ: **хирагии чашм**. 2. густохӣ, бешармӣ, хархаша, безоригӣ; **хирагӣ кардан** густохӣ кардан, безор кардан.

**ХИРАД** خرد ақл, ҳуш, зеҳн; идрок, дарёфт.

**ХИРАДЁФТА** خردیافته оқил, доно, хирадманд.

**ХИРАДМАНД** خردمند боақл, боҳуш, бозаковат, бофаҳм, боидрок.

**ХИРАДМАНДӢ** خردمندی оқилӣ, заковатнокӣ, боҳушӣ, боандешагӣ, мулоҳизанокӣ.

**ХИРАДМАНДОНА** خردمندانه аз рӯи хирадмандӣ, оқилона; зиракона, боҳушона.

**ХИРАДНОМА** خردنامه дастури зиндагӣ, номаи ҳикматомез, осори панду ахлоқӣ.

**ХИРАДПАРВАР** خردپرور одил, доно, бохирад, боақлу дониш.

**ХИРАДПАРВАРД** جردپرورد аз рӯи аҳли хирад парваришёфта, боаклу хирад.

**ХИРАДПЕША** خردپیشه *кит.* хирадманд, одил, доно.

**ХИРАДСӮЗ** خردسوز *киноя аз* оҷиз ва забункунандаи ақлу хирад.

**ХИРАКУНАНДА** خیره‌کننده 1. чашмбар, дурахшон; *маҷ.* дилрабо, бехудкунанда. 2. кӯркунанда.

**ХИРАНАМО** خیره نما *ниг.* **хиратоб**.

**ХИРАРАНГ** خیره رنگ тираранг, норавшан.

**ХИРАРӮЙ** خیره‌روی 1. густох, бешарм. 2. гирифтарӯй, туршрӯй, тираҷабин, абус, чин дар абрӯ.

**ХИРАРӮЙӢ** خیره‌روئی 1. бешармӣ, беҳаёӣ; саркашӣ, нофармонӣ, густохӣ. 2. гирифтарӯӣ, туршрӯӣ.

**ХИРАСАР** خیره سر 1. кундзеҳн, аҳмақ, аблаҳ. 2. густох, худсар.

**ХИРАСАРӢ** خیره‌سری 1. кундзеҳнӣ, нодонӣ, аблаҳӣ. 2. ошуфтагӣ, парешонӣ.

**ХИРАСАРОНА** خیره‌سرانه 1. аблаҳона, аҳмақона. 2. парешонҳолона.

**ХИРАСӮЗ** خیره‌سوز тира, норавшан, камнурдиҳанда: **чароғи хирасӯз**.

**ХИРАТАБИАТ** خیره طبیعت *ниг.* **хиратабъ**.

**ХИРАТАБИАТӢ** خیره طبیعتی *ниг.* **хиратабъӣ**.

**ХИРАТАБЪ** خیره طبع бо табъи гирифта, хафа, ғамгин, ношод.

**ХИРАТАБЪӢ** خیره طبعی бо табъи гирифта будан, хафагӣ, ғамгинӣ, ношодӣ.

**ХИРАТОБ** خیره تاب норавшан, тира.

**ХИРАЧАШМ** خیره‌چشم 1. он ки чашмаш норавшан аст, чашмаш камнур; наздикбин. 2. *маҷ.* кӯтоҳбин.

**ХИРАЧАШМӢ** خیره‌چشمی 1. норавшан дидан, наздикбинӣ. 2. *маҷ.* кӯтоҳбинӣ.

**ХИРАШАВӢ** خیره‌شوی тирашавӣ (*мас.*, чашм); **хирашавии пардаи шабакаи чашм**.

**ХИРВОР** خروار *ниг.* **харвор 3; хирвор-хирвор** *маҷ.* хеле зиёд, бисёр.

**ХИРГАҲ** خرگه *ниг.* **хиргоҳ**.

**ХИРГОҲ** خرگاه хайма, чодир, шомёна; **хиргоҳ задан** чодир барпо кардан, хайма задан.

**ХИРГОҲӢ** خرگاهی 1. *мансуб ва марбут ба* **хиргоҳ**. 2. он ки дар хиргоҳ сукунат дорад, хиргоҳнишин.

**ХИРҚА** خرقه 1. либоси дарвешон, либоси аз пораҳои гуногун дӯхташуда, либоси қуроқ. 2. *маҷ.* либоси тазвиру риё.

**ХИРҚАПӮШ** خرقه پوش он ки хирқа пӯшидааст; қаландар, зоҳид, сӯфӣ; зоҳиднамо, зоҳидтарош.

**ХИРМАН** خرمن 1. тӯдаи ғаллаи нокӯфта ва бод доданашуда; ҷои хирманкӯбӣ. 2. тӯда, тӯб, ҳар чизи дар як ҷо тӯб ва тӯдакарда: **хирмани гул**, **хирмани пахта**; **хирман кардан** тӯда кардан, тӯб кардан; **хирман бод кардан** ғалларо аз коҳ ҷудо намудан; **хирман кӯфтан** бо қувваи гову асп ё мошин ғалларо аз хӯшаҳо ҷудо кардан; **хирман-хирман** тӯб-тӯб, галагала, бисёр, фаровон.

**ХИРМАНГОҲ** خرمن‌گاه ҷое, ки хирманро барои кӯфтан тӯб кардаанд, ҷои хирманкӯбӣ.

**ХИРМАНКӮБ** خرمن‌کوب 1. хирманкӯбанда. 2. олат ва воситаи хирманкӯбӣ: **мошинаи хирманкӯбӣ**.

**ХИРМАНКӮБӢ** خرمن‌کوبی амал ва кори хирманкӯб, он чи мансуб ба хирманкӯбист.

**ХИРМАНСӮХТА** خرمن سوخته *маҷ.* касодшуда, бенавошуда, муфлисшуда.

**ХИРМАНҶО(Й)** (خرمن جا(ی *ниг.* **хирмангоҳ**.

**хиром** خرام 1. *асоси замони ҳозира аз* **хиромидан**. 2. рафтори оҳиста бо нозу виқор. 3. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* хушрафторӣ: **хушхиром**, **кабкхиром**.

**ХИРОМАНДА** خرامنده хусусияти зебову хуб ва бо ишваву ноз роҳ рафтани касе.

**ХИРОМАНДАГӢ** خرامندگی хиромида будан, вазъ ва ҳолати хиромон доштан.

**ХИРОМИДАН** خرامیدن роҳ рафтан бо нозу виқор.

**ХИРОМИШ** خرامش *исми амал аз* **хиромидан**, хиромон роҳ рафтан, хиромидан.

**ХИРОМВАР** خرام‌آور **:хиромвар шудан** роҳ раф-

тан, гузар кардан.

**ХИРОМОН** خرامان раванда бо нозу виқор; бо хиром раванда; **хиромон шудан** болида, бо нозу истиғно ба роҳ даромадан.

**ХИРОҶ//ХАРОҶ** *а.* خراج андозе, ки аз замин ва маҳсулоти заминӣ гирифта мешуд; **хироҷ додан** андоз пардохтан; **ба хироҷи як мамлакат меарзад** хеле гаронқадр ва қиматбаҳост.

**ХИРОҶГУЗОР** خراجگذار хироҷдеҳ, андоздиҳанда, андозсупор, андозсупоранда.

**ХИРОҶҒУНДОР** خراجغندار он ки хироҷ ҷамъ меоварад, омил.

**ХИРОҶДИҲАНДА** خراج دهنده *ниг.* **хироҷгузор**.

**ХИРОҶДИҲӢ** خراج دهی ҳаққи замин ё аз ҳосил андоз дидан, андозсупорӣ.

**ХИРРИГӢ** خریگی гирифтани овоз.

**ХИРРИОВОЗ** خری آواز он ки овозаш гирифта бошад, хиррӣ.

**ХИРРӢ** خرّی он ки овозаш гирифта аст, он ки буғӣ шуда бо хир-хир нафас мегирад; **овози хиррӣ** садои хирросӣ.

**ХИРРОС** خرّاس **:хиррос задан** хир-хир нафас гирифтан, канда-канда нафас кашидан.

**ХИРС** خرس ҳайвони дарандаи гӯштхори пурпашм ва тануманд.

**ХИРСАК** خرسک *ниг.* **хирсбача**, **бачаи хирс**.

**ХИРСАКМУРӮД** خرسکمرود *бот.* як навъи мурӯд.

**ХИРСБАЧА** خرس بچه бачаи хирс.

**ХИРСБОЗ** خرس باز ромкунандаи хирс (*дар сирк*), он ки бо хирс тамрин ва онро нигоҳубин мекунад.

**ХИРСБОЗӢ** خرس بازی ромкунии хирс, тамрин кардан бо хирс.

**ХИРСБОН** خرس بان *ниг.* **хирсбоз**.

**ХИРСГИР** خرس‌گیر дом барои хирс; сайёди хирс.

**ХИРСОНА** خرسانه чун хирс, хирсвор, ба мисли рафтори хирс; **хизмати хирсона** хизмате, ки аз он ба ҷои нафъ зарар ё натиҷаи ногувор расад, хизмати ноӯҳдабароёна.

**ХИРСХОНА** خرس خانه ҷой, қафас, панҷара барои хирс.

**ХИРСШИКОР** خرس‌شکار сайди хирс, шикор кардани хирс.

**ХИРУРГ** *ю.* خیرورگ *ниг.* **ҷарроҳ**.

**ХИРУРГИЯ** *ю.* خیرورگیه соҳаи илми тиб, ки бо усули ҷарроҳӣ ва амалиётӣ муолиҷа мекунад; ҷарроҳӣ.

**ХИР-ХИР** خرخر *калимаи тақлиди овоз, ки* садои аз гулӯи фишурда ё аз гулӯи одами хобида баромадаро ифода мекунад; **садои хир-хир** овози гирифта, овози одами буғишаванда; **хир-хир кардан** а) банд шудани роҳи нафас дар гулӯ; б) гирифтани роҳи нафас, танг шудани роҳи нафас.

**ХИСИР-ХИСИР** خسیرخسیر *калимаи тақлиди овозӣ, ки* байни хасу хошок хазидани ҷонвареро ифода мекунад.

**ХИСЛАТ** *а.* خصلت хосият, одат, тинат.

**ХИСОИДАН** خسائیدن *ниг.* **хисонидан**.

**ХИСОЛ** *а.* خصال *ҷ.* **хислат**.

**ХИСОНИДАН** خسانیدن *ниг.* **хесонидан**.

**ХИСОРАТ** *а.* خسارت зиён, зарар, нуқсон.

**ХИСРАВӢ** I خسروی 1. мутааллиқ ба Хисрав, аз они подшоҳ. 2. подшоҳӣ, подшоҳ будан.

**ХИСРАВОНӢ//ХУСРАВОНӢ** خسروانی 1. аз они подшоҳ, шоҳона. 2. *мус.* яке аз оҳангҳои бостонии эронӣ.

**ХИССАТ** *а.* خسّت хасисӣ, бахилӣ; фурӯмоягӣ.

**ХИТ** خیت *гуфт.* **:хит кардан** (*касеро*) хафа кардан, ранҷондан, малӯл кардан; **хит шудан** а) ранҷидан, малӯл гаштан; б) оҳиста, номаълум ғоиб шудан.

**ХИТО** ختا *ниг.* **хато** II.

**ХИТОБ** *а.* خطاب сухане, ки рӯ ба рӯи касе ё ба касе нигаронида гуфта мешавад; **аломати хитоб (!)** аломате, ки дар охири ҷумлаҳои хитобӣ гузошта мешавад; **хитоб кардан (намудан)** ба касе рӯ оварда гап задан, ба касе муроҷиат намудан.

**ХИТОБА** *а.* خطابه 1. *ниг.* **хитоб**. 2. вазъхонӣ, хутбахонӣ.

**ХИТОБӢ** خطابی даҳанакӣ, шифоҳӣ.

**ХИТОБАН** *а.* خطاباً ба касе муроҷиат карда гуфтан.

**ХИТОБНОМА** خطاب نامه варақае, ки дар он доир ба масъалае ба халқ мурочиат карда мешавад, баённома, мурочиатнома.

**ХИТОӢ** ختائی *мансуб ба* **Хитой**, дар Хитой сохташуда.

**ХИТОЙ** ختای 1. аз мардуми Хитой, аҳли Хитой; 2. мамлакати Хитой (Чин).

**ХИТОЙШИНОС** ختای شناس мутахассис, ки роҷеъ ба Хитой (Чин) таҳқиқот менамояд.

**ХИТОЙШИНОСӢ** ختای شناسی бахши илм, ки ба таҳқиқи масъалаҳои таърих, фарҳанг, тамаддун ва ҳунари мардуми Хитой дахл мекунад

**ХИТОМ** ختام поён, охир, анҷом, тамом, тамомшавӣ; **хитом додан** тамом кардан, ба итмом расонидан; **хитом ёфтан** анҷом пазируфтан, ба охир расидан, тамом шудан.

**ХИТТА** *а.* خطّه 1. замине, ки барои иморат гирдогирди он хат кашидаанд. 2. мамлакат, сарзамин.

**ХИФФАТ** *а.* خفّت сабукӣ, камвазнӣ (*ҷисман, ақлан ё аз ҷиҳати коре*).

**ХИҶИЛ** *а.* خجل ба хиҷолат монда, шармзада; **хиҷил кардан** *касеро* ба хиҷолат монондан; **хиҷил шудан** шарманда шудан, ба хиҷолат мондан; **дил хиҷил шудан** дил зиқ шудан, дил ноpоҳат шудан.

**ХИҶЛАТ** *а.* خجلت *ниг.* **хиҷолат**; **араки хиҷлат** арақрезӣ аз шиддати шармсорӣ ва хиҷолатзадагӣ.

**ХИҶЛАТЗАДА** خجلت‌زده хиҷил, шармдорондашуда, шармсор.

**ХИҶОЛАТ** *а.* خجالت шармзадагӣ, шармсорӣ, шарм, ҳаё; **аз хиҷолат баровардан** касеро аз вазъияти шармзадагӣ раҳо кардан; **дар хиҷолат будан (мондан)** шармзада будан, хиҷил будан; **хиҷолат додан** касеро шарм дорондан; **хиҷолат кашидан** шармсор шудан, хиҷил ва шармзада будан аз рафтор ва кирдори хеш; **дар хиҷолат мондан** хиҷил шудан, хиҷолат кашидан.

**ХИҶОЛАТЗАДА** خجالت‌زده шармсор, хиҷил, шарманда.

**ХИҶОЛАТКАШӢ** خجالت‌کشی *ниг.* **хиҷолатмандӣ**.

**ХИҶОЛАТМАНД** خجالت‌مند хиҷил, шармзада, дар хиҷолат монда; **хиҷолатманд будан** хиҷил будан, шармзадагӣ; **хиҷолатманд шудан** дар хиҷолат мондан.

**ХИҶОЛАТМАНДӢ** خجالت‌مندی хиҷилӣ, шармзадагӣ, изокашӣ.

**ХИҶОЛАТМАНДОНА** خجالت‌مندانه дар ҳолати шарму хиҷолат, шармгинона, дар ҳолати хиҷолаткашӣ.

**ХИҶОЛАТОВАР** خجالت‌آور он чи боиси шарм ва хиҷолат мешавад, шармовар.

**ХИҶОЛАТОМЕЗ** خجالت‌آمیز шармгинона, бо шармсорӣ.

**ХИШИРОС** خشراس *калимаи тақлиди овоз* аз қабили **хишир-хишир**, **хиширос задан** овози хазидан ё молиши чизеро зоҳир кардан;

**ХИШИР-ХИШИР** خشرخشر *ниг.* **хиширос**.

**ХИШОБА//ХИШОВА** خشابه//خشاوه киштзорро аз гиёҳҳои бегона тоза кардан; **хишоба кардан** аз гиёҳҳои бегонаи зарарнок тоза кардани кишт.

**ХИШТ** I خشت лойе, ки ба қолиби махсус андохта хушконда шудааст ва масолеҳи асосии бинокорист, оҷур; **хишти пухта** хиште, ки дар хумдон пухта бошанд; **хишти хом** хишти дар хумдон пухтанашуда; **хишт рехтан** лойро ба қолиби махсус рехта хишт сохтан; **хишт-хишт** қабат-қабат.

**ХИШТ** II خشت навъи қарта, ки дар шакли хишт аст.

**ХИШТ** III خشت навъе аз найзаи хурди кӯтоҳ.

**ХИШТ** IV خشت номи қисме (наск) аз 21 қисми “Занду Позанд” аст.

**ХИШТ** V خشت навъе аз ҳалвост, ки ба шакли порча ва қурс тайёр мекунанд..

**ХИШТАК** خشتک порчаи чоргӯшае, ки зери бағали ҷома ё миёни ду пои тунбон дӯхта мешавад.

**ХИШТБАНД** خشت‌بند 1. хиштбасткунанда. 2. маҳкам кардан бо хишт.

**ХИШТБАСТ** خشت بست бо хишт маҳкам карда, деворкарда.

**ХИШТБАСТКУНАНДА** خشت‌بستکننده он ки ҷоеро хиштбанд мекунад; хиштчин, хишткор.

**ХИШТДЕВОР** خشت دیوار девори хиштӣ, аз хишт сохташуда.

**ХИШТЗАН** خشت زن хиштрез.

**ХИШТЗАНӢ** خشت زنی хиштрезӣ.

**ХИШТИН** خشتین *ниг.* **хиштӣ**.

**ХИШТӢ** خشتی аз хишт; **девори хиштин** девори аз хишт сохташуда.

**ХИШТКАШОН** خشت کشان он ки ба ҷои сохтмон хишт мекашонад.

**ХИШТКАШОНӢ** خشت کشانی кор ва шуғли касе, ки дар бинокорӣ хишт мекашонад.

**ХИШТКОР** خشت‌کار коргари хиштчин дар бинокорӣ.

**ХИШТКОРӢ** خشت‌کاری коре, ки ба хишт рехтан ва чидани он вобастагӣ дорад; бинои аз хишт сохташуда.

**ХИШТҚОЛИБ** خشت‌قالب чорчӯбаи дарозрӯя барои хиштрезӣ.

**ХИШТПАЗ** خشت پز он ки дар хумдони хишт кор мекунад, пазандаи хишт.

**ХИШТПАЗӢ** خشت‌پزی кор ва шуғли коргари хумдони хишт; **корхонаи хиштпазӣ** корхонае, ки дар он амалиёти хиштрезӣ ва хиштпазӣ анҷом меёбад.

**ХИШТПАРЧА** خشت‌پرچه *ниг.* **хиштпора**.

**ХИШТПОРА** خشت‌پاره порае аз хишт, хишти шикаста.

**ХИШТРЕЗ** خشت ریز он ки лойро ба қолиб зада хишт тайёр мекунад, резандаи хишт.

**ХИШТРЕЗӢ** خشت ریزی кор ва шуғли хиштрез.

**ХИШТСОВ** خشت ساو белчаи хиштрезон.

**ХИШТФАРШ** خشت فرش ҷое, ки ба заминаш хишти пухта чида шудааст, фарши бо хишт чидашуда.

**ХИШТХОЛ** خشت خال холи хиштмонанди қартаи бозӣ.

**ХИШТЧИН** خشت چین он ки дар бинокорӣ хишт мечинад, устои хишткор.

**ХИШТЧИНӢ** خشت چینی кор ва касби хиштчин, устои хишткор.

**ХИШШОС** خشّاس *калимаи тақлиди овоз аз қабили* хиширрос; **хишшос задан** ба зӯрӣ нафас кашидан, дар нафаскашӣ овози хиш-хиш баровардан.

**ХЛОР** *ю.* خلار унсури химиявӣ, гази нафасгардон, ки дар беҳдоштӣ ҳамчун воситаи пешгирикунанда аз касалиҳои сироятӣ ва дар саноати ҳарбӣ барои сохтани моддаҳои заҳролуд кор фармуда мешавад; **хлор задан** хлор пошидан бо мақсадҳои зиддисироятӣ.

**ХЛОРДОР** خلاردار *ниг.* **хлорнок**.

**ХЛОРЗАНӢ** خلارزنی *ниг.* **хлоронӣ**.

**ХЛОРИД** *ю.* خلارید *хим.* пайвастаҳои хлорӣ.

**ХЛОРНОК** خلارناک хлоромез; **оҳаки хлорнок**.

**ХЛОРОНИДАН** خلارانیدن коркарди (шустан, безарар кардан, тамиз додан) ҳар чизе бо маҳлули хлор.

**ХЛОРОНӢ** خلارانی хлорзанӣ, бо хлор тамиз додан.

**ХЛОРОФОРМ** *фр.* خلارافارم моеи беранге, ки дар такиби худ хлор дорад ва дар амалиёти ҷарроҳӣ чун моддаи беҳушкунанда кор фармуда мешавад.

**ХОБ I** خواب 1. ҳолати осоиш ва оромии бадан, ки бо фосилаҳои маълум рӯй медиҳад ва дар асnои он фаъолияти шуур тамоман ё қисман қатъ мегардад; *муқоб.* **бедорӣ**. 2. он чи дар олами хоб ба хобанда зоҳир мегардад. 3. *маҷ.* ғафлат, бехабарӣ; **хоби гарон (вазнин, сахт)** хоби амиқ, хобе, ки аз он кас зуд бедор намешавад; **хобатон хуш!** ором ва осуда бихобед! (*дар мавриди орзуи хоби нагзи роҳат гуфта мешавад*); **хобу хаёл** чизи ғайримумкин, чизи маҳол; **хоб бурдан** ба хоб рафтан, хуфтан, хоб кардан; **хоби** *касеро* **гурезондан (парондан)** боиси хоб карда натавонистани касе гардидан; **хоб дидан** дар хоб ба кас намудани чизе, рӯъё; **худро ба хоб задан** худро бардурӯғ хобида вонамуд кардан; **хоб кардан** а) хобидан, хуфтан; б) карахт шудани даст ё по аз беҳаракатӣ; в) аз кор мондани ягон корхона, соат, машина *ва г.*; **ба (дар) хоб мондан** бисёр хоб кардан, дар вақташ бедор нашуда мавриди кореро гузарондан; **хоб омадан** хобидан хостан, хоб пахш кардан; **хоб паридан** хоб набурдан, ба сабаби монеае хобида натавонистан; **аз хоб сер шудан** ба қадри кифоя ва осуда хоб карда хестан; **аз хоб хестан** бедор шу-

дан; **хобатро ба об гӯй**! ин хаёли хом аст, он чи ту мехоҳӣ шуданӣ нест.

**ХОБ** II خاب//خواب моилии пати матоъҳои патдор ё қолин ба як сӯ.

**ХОБАНДА** خوابنده он ки дар хоб аст, касе ки хоб кардааст, одами дар хоб; дар ҳоли хобида.

**ХОББИНӢ** خواب بینی хоб дидан.

**ХОББУРДА** خواببرده хобида, пинакрафта, хуфта; *маҷ.* шах (карахт) шудани по ё даст, бехабар, ногоҳ.

**ХОБВОРА** خوابواره ба монанди хоб, хоби кӯтоҳ; ба хоб водоршуда, гипноз, хоби сунъӣ.

**ХОБГАРД** خوابگرد шабгард; он ки шаб дар ҳолати хоб будан бе ихтиёри худ роҳ меравад.

**ХОБГАРДӢ** خوابگردی як навъ бемории рӯҳие, ки гирифтори он дар ҳолати хоб роҳ мегардад ё коре мекунад.

**ХОБГОҲ** خوابگاه ҷои хоб, хонаи хоб; **хобгоҳи умумӣ**, иқоматгоҳи якҷояи одамоне, ки дар як муассиса кор мекунанд ё дар як ҷо мехонанд.

**ХОБДӮСТ** خواب دوست он ки хоб карданро дӯст медорад; танбал; фароғатҷӯй.

**ХОБГУЗОР** خوابگذار муаббир, касе, ки хобро таъбир мекунад.

**ХОБГУЗОРӢ** خوابگذاری муаббирӣ, таъбир кардани хоб.

**ХОБИДА** خوابیده дарозкашида, ёзида, ғелида; кӯфта.

**ХОБИДАН** خوابیدن 1. хуфтан, хоб кардан. 2. будан, зиндагӣ кардан, иқомат доштан (*дар беморхона, ҳабсхона*). 3. кор накардан, аз кор мондан, аз кор боз истодан, таваққуф кардан (*соат, корхона ва г.*). 4. ором ёфтан, паст ё тамом шудан, фурӯ нишастан (*шӯриш ё ягон норозигӣ*). 5. ҷӯлидан, афтода мондан. 6. аҳамияти худро гум кардан, фаромӯш шудан; **ин масъала ҳанӯз мехобад**. 7. истодан, бекор истодан; мавҷуд будан; ба фурӯш нарасида мондан (*моле*); **дар анбор чизҳои бисёр хобидаанд**. 8. дар ҳабс будан, маҳбус шудан; **як сол хобида баромад**. 9. карахт шудани дасту по аз беҳаракатӣ: **дастам хобида мондааст**.

**ХОБИШ** I خوابش самти хобидани тор, мӯяк; **ба хобиши пат** ба самти хобидани пати матоъ.

**ХОБИШ** II خوابش *геол.* партов (*замин*); кӯҳна (*молу маҳсулот*).

**ХОБКАРДА** خواب کرده *ниг.* **хобида**.

**ХОБКУНӢ** خواب کنی хобравӣ, хуфтан.

**ХОБНОК** خوابناک *ниг.* **хоболуд**.

**ХОБНОМА** خواب نامه китоб ё рисолае, ки аз рӯи он хобро таъмир мекунанд.

**ХОБОВАР** خواب آور хоб тавлидкунанда, чизи боиси хоб: **доруи хоб**.

**ХОБОЛУД** خواب آلود он ки аз хоб сер нашуда хеста бошад, он ки ба сабаби сер нашудан аз хоб карахт бошад: **чашми хоболуд**.

**ХОБОЛУДӢ** خواب آلودی серхобӣ, хоб пахш кардан.

**ХОБОЛУДОНА** خواب آلودانه пинакравона, *маҷ.* карахтона.

**ХОБОН** خوابان *сохт.* болиштаки чӯбине, ки дар сохтмонҳо – дар айвонҳо дар сари сутун гузошта аз болои он пешхариро мегузоранд.

**ХОБОНАК** خوابانک навъе аз бозии бачагон, ки яке рӯяшро бо дастон мепӯшонад, то дигарон аз ӯ дур раванд, сипас кадомеро ёфта даст гирад, ҳамон ба ҷои ӯ меистад.

**ХОБОН(И)ДАН** خواباندن//خوابانیدن *тарзи бавоситаи феъли* **хобидан** 1, 2, 3, 4; 2. тар карда мондан; захира кардан. 3. гузарондан, шинондан. 4. ба зону зада маҷбур намудан.

**ХОБПАР** خواب پر бехоб, бедорхоб; **хобпар шудан** бедорхоб шудан, хоб наомадан, хобида натавонистан.

**ХОБРАВӢ** خواب روی *ниг.* **хобкунӣ**.

**ХОБУХЕЗ** خواب وخیز истиқомат, рӯзгузаронӣ; **хобухез кардан** истиқомат кардан, манзил кардан.

**ХОБХАЛТА** خواب خلته халтае, ки ба он даромада мехобанд.

**ХОБШИНОС** خواب شناس *ниг.* **хобгузор**.

**ХОБШИНОСӢ** خواب شناسی *ниг.* **хобгузорӣ**.

**ХОВАР** خاور 1. шарқ. 2. тарафи офтоббаро.

**ХОВАРОН** خاوران 1. ховар, машриқ. 2. ғарб, мағриб. 3. *таър.* номи вилояте дар Хуросон.

**ХОВАРШИНОС** خاور شناس *ниг.* **шарқшинос**.

**ХОВАРШИНОСӢ** خاورشناسی шарқшиносӣ, соҳае, ки ба таҳқиқи мамолики Шарқ машғул аст.

**ХОВАРЗАМИН** خاور زمین шарқ, Машриқ.

**ХОГ** خاگ 1. *биол.* ташкилаҳои одатан якҳуҷайрагӣ, ки барои бе таносул афзудани бактерияҳо мусоидат мекунанд. 2. *кит.* тухм, тухми мурғ.

**ХОГИНА** خاگینه *хӯр.* навъе аз таом, ки аз тухми мурғ ва сабзавот пухта мешавад, тухмбирён, омлет.

**ХОГИНАКАРАМ** خاگینه‌کرم *хӯр.* таоме, ки аз тухми мурғ ва карам пухта мешавад.

**ХОД** خاد *кит.* заған.

**ХОДА** خاده чӯби дарози рост; ◊ **дум хода кардан** тез гурехтан аз ҷое.

**ХОДИМ** *а.* خادم 1. хидматкунанда, хизматчӣ; корманд: **ходими хизматнишондода**. 2. зане, ки дар маъракаҳо (*тӯй, азо ва г.*) хизмати мардумро адо менамояд. 3. *кит.* касе, ки дар ҳаммом мардумро молиш дода шустушӯ мекунад.

**ХОДИМӢ** خادمی 1. вазифаи ходим, хидматгузорӣ. 2. амали ходим дар ҳаммом; **ходимӣ кардан** муштумол карда шустушӯ додан дар ҳаммом.

**ХОЗА** I خازه *кит.* гиле, ки ба он деворҳоро андова мекунанд, лойи андова, ҳар чизе, ки бо ҳам омехта шудааст.

**ХОЗА** II خوازه *ниг.* **хавоза**.

**ХОЗЕЪ** *а.* خاضع фармонбардор, мутеъ, итоаткор.

**ХОЗИН** *а.* خازن хазинадор, хазиначӣ, нигаҳбони хазина, анбордор.

**ХОИДАН** خائیدن 1. бо дандон фишурда нарм кардан, ҷавидан. 2. *маҷ.* касеро бисёр таънаву маломат кардан, бадгӯӣ кардан, носазо гуфтан: **ӯро ин қадар нахоед**; **забон хоидан** дар бораи ину он гап зада ба асли матлаб дахл накардан.

**ХОИДАШУДА** خائیده شده он чи онро хоидаанд (*мас., устухон*); **сухани хоидашуда** сухани такрорёфта, забонзадашуда.

**ХОИН** خائن хиёнаткунанда, хиёнаткор.

**ХОИНӢ** خائنی хиёнат, хиёнатӣ, фурӯхтани манфиатҳои ватан ва мамлакат ба душман.

**ХОИНОНА** خائنانه *ниг.* **хиёнаткорона**.

**ХОИСАК** خایسک хоиски хурд, болғача.

**ХОИСК** خایسک путк, болға, чаккуш.

**ХОИСКЗАН** خایسک زن путкзан, болғазан, чаккушзан.

**ХОИШ** خاییش хоидан, ҷавиш.

**ХОК** خاک 1. қабати болоии қишри сайёраи замин, ки дар он гиёҳу дарахт мерӯяд; замин. 2. мамлакат, кишвар; **хоки Тоҷикистон** кишвари Тоҷикистон; **ба хок рафтан** мурдан, фавтидан; **ба хок супурдан** дафн кардан, гӯрондан; **хок шудан** ба хок мубаддал гаштан, нест гардидан, маҳв шудан; **бо хок яксон кардан** *чизеро* несту нобуд кардан, маҳв сохтан; **хок ба сараш!** рӯзи нек набинад!; **хокашро гардам**... дар мавриди қайд кардани муқаддасӣ ва табаррукии ҷое гуфта мешавад; **хоки поят шавам** фидоят шавам.

**ХОКА** خاکه хокмонанд, чизи нарми соидашуда; **хокаи ангишт** ангишти майда (гарди ангишт).

**ХОКАНДОЗ** خاک انداز белчаи оҳанӣ, мисӣ ё тунукагӣ, ки бо он хок, хокистар *ва г.* мебардоранд.

**ХОКАҚАНД** خاکه قند қанди хока, хокаи қанд, орди қанд, судаи қанд.

**ХОКБАРДОРӢ** خاک برداری хок бардоштан; хок канда баровардан.

**ХОКБАРСАР** خاک برسر ғамгин, андӯҳгин; *маҷ.* пажмурда; мурда.

**ХОКБЕЗ** خاک بیز 1. тӯр барои хок бехтан. 2. он ки хокро мебезад.

**ХОКБОД** خاک باد чангбод, шамоли пурчангу ғубор, хок.

**ХОКБОЗӢ** خاک بازی бозӣ бо хок; ба хок оғушта шуда бозӣ кардан: **хокбозӣ кардан**.

**ХОКБОН** خاک بان нигоҳубинкунандаи хок; *маҷ.* деҳқон, кишоварз.

**ХОКБОРИШ** خاک بارش *ниг.* **хокборон**.

**ХОКБОРОН** خاکباران тумани хоколуд, гирдубоди гардовар, бӯрони хокӣ.

**ХОКБӮС** خاکبوس *кит.* 1. он ки хокро мебӯсад. 2. *маҷ.* таъзимкунанда.

**ХОКБӮСӢ** خاکبوسی *кит.* 1. амал ва кори хокбӯс. 2. *маҷ.* таъзим кардан, сар ба таъзим фуру овардан.

**ХОКГАРДОН** خاکگردان 1. он қисми испор, ки қабати заминро канда мегардонад. 2. тагу рӯ кардани қабати болои замин.

**ХОКДОН** خاکدان 1. ҷои рехтани хоку хокрӯба. 2. *маҷ.* дунё, олами хокӣ.

**ХОКДОР** خاکدار бо хок омехташуда, хокомехта, хоколуд.

**ХОКЗАН** خاکزن *гуфт.* тамаллуқкор, хушомадгӯй, лаганбардор.

**ХОКЗАНӢ** خاکزنی *гуфт.* тамаллуқкорӣ, хушомадгӯӣ, лаганбардорӣ.

**ХОКЗОД** خاکزاد чизи аз хок ва дар хок пайдошуда; *маҷ.* ҳақир, забун.

**ХОКЗОР** خاک زار *ниг.* **хокистон**.

**ХОКИН** خاکین *ниг.* **хокӣ**.

**ХОКИНИҲОД** خاکینهاد хоксор, фурӯтан, инсони хушхулқу ботарбия.

**ХОКИРАНГ** خاکی رنگ ба ранги хок, хокмонанд аз ҷиҳати ранг.

**ХОКИСТАР** خاکستر гарде, ки баъд аз сӯхтани чӯб, ангишт *ва г.* боқӣ мемонад; **хокистар** *касе, чизеро* **ба бод додан** нобуд кардан *чизе ё касеро*; **хокистар шудан** сӯхта тамом шудан, сӯхта нест шудан.

**ХОКИСТАРДОН** خاکستر دان зарфи махсус барои андохтани хокистари тамоку ва пасмондаи сигор.

**ХОКИСТАРИРАНГ//ХОКИСТАРРАНГ** خاکستری رنگ//خاکسترنگ ба ранги хокистар, мисли хокистар.

**ХОКИСТАРӢ** خاکستری *ниг.* **хокистариранг**.

**ХОКИСТАРНИШИН** خاکسترنشین *маҷ.* одами бечизу чора ва бехонаву ҷой; **хокистарнишин шудан** хонавайрон шудан, бечизу бехонумон гардидан.

**ХОКИСТАРОБ** خاکستر آب обе, ки бо хокистар омехта шудааст.

**ХОКИСТАРОЛУД** خاکستر آلود он чизе, ки бо хокистар омехта шудааст.

**ХОКИСТАРРАНГ** خاکسترنگ *ниг.* **хокистариранг**.

**ХОКИСТОН** خاکستان ҷое, ки хок бисёр аст; *маҷ.* дунё, гетӣ.

**ХОКӢ** خاکی *мансуб ба* **хок**; заминӣ, дар хок зиндагикунанда; **ҷонварони хокӣ** *муқоб.* **ҷонварони обӣ**.

**ХОККАШӢ** خاک کشی кашидан ва бурдани хок аз ҷое ба ҷои дигар.

**ХОККАШОНӢ** خاککشانی кашондани хок аз ҷое ба ҷое.

**ХОККЕЙ** *англ.* خاکیی *варз.* навъе аз чавгонбозӣ, ки дар рӯи ях бо пойафзоли теғшакли яхдав (конки) бозӣ мекунанд.

**ХОККЕЙБОЗ** خاکیی باز *варз.* иштирокчӣ дар бозии хоккей.

**ХОККЕЙБОЗӢ** خاکیی بازی чавгонбозии рӯи ях.

**ХОКМОЛ** خاکمال 1. он ки чизеро ба хок мемолад. 2. молидани чизе ба хок. 3. *киноя аз* кори залилу паст кардан.

**ХОКМОНАНД** خاکمانند мисли хок; майда, сӯда; ранги хокмонанд.

**ХОКНИГОҲДОРАНДА** خاکنگاهدارنده заминнигоҳдоранда.

**ХОКНИҲОД** خاک نهاد *ниг.* **хоксор**.

**ХОКНИШИН** خاک نشین 1. он ки ба рӯи хок менишинад. 2. *маҷ.* хоксор, ҳақир; мутеъ, итоаткор.

**ХОКНУРӢ** خاکنوری поруи бо хок омехта, омехтаи хок бо пору, ки барои қувват гирифтан ба замини кишт андохта мешавад.

**ХОКОБ** خاک آب обёрии аввалин.

**ХОКОЛУД** خاکآلود олуда бо хок, омехта бо хок, он чи бо гарду хок пӯшида шудааст.

**ХОКПАРТО** خاک پرتا 1. ҷои махсус барои партофтани хок ва хокрӯба. 2. белча барои гирифта партофтани хоку хокистар.

**ХОКПОРУ** خاک پارو *ниг.* **хокнурӣ**.

**ХОКПОШ** خاک پاش *кҳн.* камбағалтарин табақаи деҳқонон дар замони гузашта.

**ХОКПОШӢ** خاکپاشی 1. пошидани хок, хокро ба ҳаво кардан. 2. *соҳавӣ* дар кӯҳҷойҳо ба рӯи барфи замини кишт пошидани хок барои те-

зондани обшавии барф.

**ХОКПУР** خاکپر 1. чангу хоколуд. 2. бо хок пуркарда: **хандақро хокпур кардан**.

**ХОКПУШТА** خاکپشته хоктӯда, тали хокӣ, теппа.

**ХОКПӮШ** خاکپوش бо хок пӯшондани чизе, ба зери хок пинҳон кардани чизе; **хокпӯш кардан** а) бо хок пӯшондан болои чизеро; б) *маҷ.* кореро болопӯш кардан, сирреро махфӣ нигоҳ доштан.

**ХОКРАНГ** خاک رنگ *ниг.* **хокиранг**.

**ХОКРЕЗ** خاکریز хоки рехта, хоки тал карда, тали хоки сунъӣ; **хокрез кардан** хок рехта тал кардан; **хокрез шудан** а) бо хок пӯшида шудан, хок рехта пур шудан, хокандуд гардидан; б) рехтани хок ё андоваи хокии ҷое.

**ХОКРЕЗА** خاک ریزه резаи хок, резиши хок.

**ХОКРЕЗӢ** خاک ریزی рехтани хок, пур кардан бо хок.

**ХОКРӮБ** خاکروب он ки хок ё хокистарро мерӯбад.

**ХОКРӮБА** خاکروبه хок, хасу хошоке, ки дар натиҷаи рӯфтан ҷамъ мешавад.

**ХОКРӮБАДОН** خاک روبه دان ҷое, ки хасу хоки рӯфташударо мепартоянд.

**ХОКРӮБӢ** خاک روبی ҷорӯбкашӣ, фаррошӣ дар ҷое; хизмати ҳақиртарин дар ҷое.

**ХОКСАНГ** خاکسنگ санги хокакарда, ки дар сохтмон истифода мешавад.

**ХОКСИРИШТ** خاک سرشت аз хок сохташуда, бо хок саришта.

**ХОКСОР** خاک سار 1. монанди хок, бо хок яксон; беқадр, беэътибор. 2. фурӯтан, камтар.

**ХОКСОРӢ** خاکساری фурӯтанӣ, камтаринӣ; **хоксорӣ кардан** худро кам гирифтан, фурӯтанӣ кардан.

**ХОКСОРОНА** خاکسارانه аз рӯи хоксорӣ, бо хоксорӣ.

**ХОКТАПУР** خاک تپور хоки майда, гардхок.

**ХОКТЕППА** خاک تپّه хокпушта, тали хокӣ.

**ХОКТӮДА** خاک توده *ниг.* **хоктеппа**.

**ХОКТӮФОН** خاک طوفان хокборон, гирдбоди ховар.

**ХОКХОР** خاکخوار 1. ҷондороне, ки хӯрокашон хок аст. 2. *маҷ.* он ки ба корҳои беарзиш аҳамият медиҳад.

**ХОКХӮРДА** خاک خورده 1. хокшуда, ба хок табдилёфта. 2. ба ҳадаф нарасида: **тири хокхӯрда**.

**ХОКҶОЙ** خاکجای гӯристон, қабристон.

**ХОКШИНОС** خاکشناس мутахассиси соҳаи хокшиносӣ, олиме, ки хосияти хокҳои гуногунро меомӯзад.

**ХОКШИНОСӢ** خاکشناسی илме, ки хосияти хокҳои гуногунро барои истифодаи дуруст аз он меомӯзад.

**ХОКШИР** خاکشیر *бот.* гиёҳи буттамонанд, ки донаҳои сурхи майдааш дар тиб ба кор меравад.

**ХОҚОН** *т.* خاقان *таър.* лақаби подшоҳони турк ва муғул.

**ХОҚОНӢ** خاقانی *мансуб ба* **хоқон**.

**ХОЛ I** خال 1. нуқтаи сиёҳи модарзод ё сунъӣ дар пӯсти рӯй ё ҷои дигари бадан. 2. обила, *маҷ.* обила; табхол.

**ХОЛ II** خال нақшу нигори кабуд ё сабзранге, ки бар тани одамӣ бо сӯзан ба мақсади зинат кунанд; *ниг.* **холкӯбӣ**; **хол задан** а) бо сӯзан нақшу нигор задан бар тани одамӣ ба мақсади зинат; б) қисман пухтану расидани мева; **хол-хол** а) холдор, доғдор, бо холҳои пароканда; **хол-хол ба назар тофтан; хол-хол** б) чипор, доғдор, ало.

**ХОЛ III** خال воҳиди ҳисоб барои муайян кардани миқдори афзалиятҳо дар варзиш ва дигар анвои мусобиқа.

**ХОЛ IV** خال *кит.* бародари модар, тағо.

**ХОЛА** خاله 1. хоҳари модар. 2. *калимае, ки ба номи занони калонсол ба нишонаи эҳтиром илова карда мешавад*: **Ҳуснияхола, Робиахола** *ва г.*

**ХОЛАБАЧА** خالهبچه писар ё духтари хола.

**ХОЛАБЕҒАМ** خالهبیغم бепарво, саҳлангор, фориғбол, лоқайд.

**ХОЛАБЕҒАМӢ** خالهبیغمی бепарвоӣ, лоқайдӣ, саҳлангорӣ, фориғболӣ, лоуболӣ.

**ХОЛАБОЗӢ** خالهبازی 1. бозии бачагон, ки ҷоеро

хона таъйин карда, ба хонаҳои ҳамдигар меҳмонӣ мераванд. 2. ба кори беҳудаву пуч машғул шудан.

**ХОЛАХАМИР** خاله خمیر 1. мисли хамир суст. 2. фарбеҳи нофармон.

**ХОЛДОР** خالدار он ки хол дорад, дорои холҳои зиёд.

**ХОЛЕСТЕРИН** *ю.* خالیسترین моддаест аз гурӯҳи стеринҳо, ки дар бофтаҳои бадан ва раги хун мавҷуд аст.

**ХОЛИБЕХ** خالی بیخ сирак, ба фосилаи зиёд аз ҳам воқеъшуда; *муқоб.* **зич** (*дар кишт*).

**ХОЛИГАРДӢ** خالی گردی холӣ гаштан, бор нагирифта гаштани мошинҳо.

**ХОЛИГӢ** خالیگی 1. ҷои холӣ, ҷои тиҳӣ; ҷои холигии ҳаво, фазои беҳаво. 2. аз кор холӣ будан; бекорӣ: **вақти холигӣ**.

**ХОЛИД** *а.* خالد ҷовид, доимӣ, намиранда, боқӣ.

**ХОЛИҚ** *а.* خالق 1. халқкунанда, офаринанда, эҷодкунанда. 2. яке аз сифатҳои Худованд, Яздон.

**ХОЛИҚӢ** خالقی холиқ будан, офаринанда будан.

**ХОЛИҚИЯТ** *а.* خالقیت холиқӣ, офаринандагӣ.

**ХОЛИМОНДА** خالی مانده холӣ, тиҳӣ, ҷои бо чизе ишғолшуда.

**ХОЛИС** خالص 1. беомезиш, беолоиш, беғаш, соф, пок, сара. 2. *маҷ.* беғараз, бетараф; **одами холис** одами бетараф; **оби холис** оби соф; **фоидаи холис** фоидаи нақд, он чи нақд дар даст мондааст.

**ХОЛИСАНЛИЛЛОҲ** خالصاًلله беғараз, бетамаъ, бе чашмдошти фоидае, холисона, дар роҳи Худованд.

**ХОЛИСОНА** خالصانه беғаразона, бетарафона, ба таври объективӣ.

**ХОЛӢ** خالی тиҳӣ, бекасу бечиз; *муқоб.* **пур**; **ҷуволи холӣ рост намеистад** (*зарб.*); **холӣ кардан** а) тиҳӣ гардонидан, бебор кардан, бори чизеро фаровардан; б) аз кору хизмат баровардан, озод кардан, бекор кардан; в) андохтан, холӣ кардан (*мас., тир*); **холӣ шудан** а) тиҳӣ шудани ҷое аз чизе; б) фориғ шудан (*аз коре*); в) озод шудан, баромадан (*аз кор*); ◊ **каллаи холӣ** сари бемағз.

**ХОЛКӮБӢ** خالکوبی нақше, ки дар бадан бо сӯзанзанӣ кашида мешавад.

**ХОЛЧА** خالچه доғ, холи майда: **куртаи холча**.

**ХОЛШАПАЛАК** خال شپلک *зоол.* шапалаки сафеди болҳояш холи сиёҳдор.

**ХОМ** خام 1. нопухта, норасида. 2. дар ҳоли табиӣ, коркарданашуда: **ашёи хом**, **моли хом**; **чарми хом** чарми даббоғӣ нашуда. 3. беасос, ҳавоӣ, ношуданӣ: **ваъдаи хом**, **гапҳои хом**, **хаёли хом**. 4. *маҷ.* бетаҷриба, корноозмуда(*одам*); *муқоб.* **пухта**; **хом будан** дар коре бетаҷриба ва навкор будан.

**ХОМА I** خامه он чи бо он менависанд, найқалам, қалам; **хома давондан** хат навиштан.

**ХОМА II** خامه тӯда, пушта, тали хурд, тӯдаи рег: **хомаи барф**, **хомаи рег**.

**ХОМАДӮЗӢ** خامه‌دوزی гулдӯзӣ.

**ХОМАЗАН** خامه‌زن 1. лавҳачаи устухоне, ки нӯги қаламҳои наиро ба болои он гузошта бо кордча дукафон мекарданд, қатзан. 2. он ки қаламро кор мефармояд, нависанда.

**ХОМАК** خامک нопухта, норасида: **харбузаи хомак**.

**ХОМАКӢ** خامکی чала; тахминӣ; рӯякӣ; пешакӣ, ғайрирасмӣ.

**ХОМАКЧА** خامکچه *шакли тасғири* **хомак**.

**ХОМАНДЕШ** خام اندیش он ки хаёли хом мепарварад ва беасос фикр меронад.

**ХОМАНДЕШӢ** خام‌اندیشی беҳудаандешӣ, хаёлпарастӣ, ботиландешӣ.

**ХОМАРОН** خامه‌ران қаламзан, каламкаш; нависанда.

**ХОМАРОНӢ** خامه‌رانی навиштан, қаламзанӣ, нависандагӣ.

**ХОМГӮӢ** خام‌گوئی нопухтагӯӣ, ҳарзагӯӣ, беҳудагӯӣ.

**ХОМГӮЙ** خام‌گوی нопухтагӯй, ҳарзагӯй, беҳудагӯй.

**ХОМДАРОН** خام دران бемаҳал, пеш аз расидани вақт.

**ХОМДАСТ** خام‌دست одами бетаҷриба, танбал, мусоҳилакор.

**ХОМДАСТӢ** خام‌دستی бетаҷрибагӣ, хомӣ; беҳунарӣ.

**ХОМДӮЗ** خام‌دوز либоси пешакӣ ва ба таври муваққат, хомдӯзӣ шудааст: **куртаи хомдӯз**.

**ХОМДӮЗӢ** خام‌دوزی либосеро пешакӣ ва тахминӣ дӯхтан барои санҷиш, дӯхти хомакӣ; дӯхти бахяи калон-калони муваққатӣ.

**ХОМИГАРӢ** خامی‌گری нопухтагӣ, норасидагӣ; *маҷ.* дар коре озмуда ва таҷрибанок набудан, дар коре ба саҳлангорӣ роҳ додан.

**ХОМӢ** خامی нопухтагӣ, норасидагӣ; *муқоб.* **пухтагӣ**; **хомӣ кардан** корноозмуда ва камтаҷриба будан, кореро нағз саришта карда натавонистан.

**ХОМКАЛЛА** خام‌کلّه *маҷ.* корноозмуда, бетаҷриба, корнодида.

**ХОМКОР** خام‌کار он ки корро пухта ба ҷо намеорад ва кореро чала ва нимкола мекунад; камтаҷриба.

**ХОМКОРӢ** خام‌کاری дар коре пухта набудан, кореро чалаву нимкора ба ҷо овардан; камтаҷрибагӣ, корноозмудагӣ.

**ХОМКӮК** خام کوک *ниг.* **хомдӯзӣ**.

**ХОМҚАЙМОҚ** خام قیماق саршир, қаймоқи нав аз рӯи шир гирифташуда.

**ХОМНАВИС** خام نویس сиёҳнавис, мусаввада.

**ХОМОХОМ** خاماخام нопухта, норасида, дар ҳолати хомӣ; **хомохом хӯрдан** чизи ҳанӯз нопухта ва норасидаро хӯрдан.

**ХОМПАЗ** خام پز *ниг.* **хомпазак**.

**ХОМПАЗАК** خام پزک 1. пухта расидан ва пухтани чизҳои нимхом. 2. нимпухта, нимрасида, ҳанӯз норасида.

**ХОМРИШТА** خام رشته риштаи хом, калова.

**ХОМРОЙ** خام رای нопухтафикр; нодон, беҳудаандеш.

**ХОМСУФ** خام صوف 1. суфи дар дастгоҳи дастӣ бофташуда. 2. навъи дурушти суф.

**ХОМСӮЗ** خام سوز нопухта, нағз сурхнакарда, сурхнашуда (гӯшт), нимбирён.

**ХОМТАБЪ** خام طبع нодон, аҳмақ, аблаҳ, он ки андешаҳои фосид ва бад дорад.

**ХОМТАБЪӢ** خام طبعی нодонӣ, аҳмақӣ, аблаҳӣ.

**ХОМТАЛОШ** خام تلاش *д.* курбоние, ки гӯшташро нопухта тақсим карда ба мардум медиҳанд.

**ХОМТАМАЪ** خام طمع он ки орзуҳои ношуданӣ мепарварад, касе, ки ба чизи нобуда ва дастнорас тамаъ дорад.

**ХОМТОК** خام تاک :**хомток кардан** барг ва навдаҳои зиёдатии токро канда партофтан (*бо мақсади аз нурҳои офтоб баҳра бурдани хӯшаи ангур*).

**ХОМӮШ** خاموش 1. сокит, бесадо, он ки овозе намебарорад, ором, хап. 2. оташ ё чароғ, ки рӯшноияш кушташуда ё мурда бошад; **хомӯш кардан** а) ба сукут водоштан; б) куштан (*чарогро*); в) хобондан, фурӯ нишондан (*шӯришро*); **хомӯш мондан (гаштан, шудан)** сукут кардан, хап кардан, аз гап бозистодан.

**ХОМӮШАК** خاموشک ҳашараи майдаи нешдароз, ки нешаш дардовар аст.

**ХОМӮШӢ** خاموشی хомӯш будан, сукут, оромӣ, сукунат; **хомӯширо вайрон кардан** хомӯширо халалдор намудан; **хомӯшӣ ҳукмфармо шудан** сокит шудан, оромӣ ва сукунат барқарор гаштан.

**ХОМӮШКУНАК** خاموش‌کنک асбоби махсус барои кам кардани овози муҳаррики механизмҳо.

**ХОМӮШНАШАВАНДА** خاموش نشونده 1. оромнашаванда, хап ва сокинагарданда (*садо*), нооором. 2. куштанашаванда, намиранда (*оташ, нур*).

**ХОМӮШОНА** خاموشانه бо хомӯшӣ, бесадо, овозе набароварда, оромона.

**ХОМӮШШУДА** خاموش‌شده сокитшуда, оромшуда, хапшуда, орамида, сокит.

**ХОМФАРБЕҲ** خام فربه *гуфт.* фарбеҳи номавзун, он ки фарбеҳиаш номутаносиб аст.

**ХОМФИКР** خام فکر он ки фикраш асоснок ва пухта нест, он ки ҳавоӣ фикр меронад.

**ХОМФИКРӢ** خام فکری *ниг.* **хомандешӣ**.

**ХОМХАЁЛ** خام خیال *гуфт.* он ки хаёли хом мепарварад.

**ХОМХАЁЛӢ** خام‌خیالی хаёлпарастӣ, орзупарварӣ.

**ХОМХАЁЛОНА** خام‌خیالانه хаёлпарастона, орзупарварона.

**ХОМХАШАК** خام خشک пуч, дарунхолӣ.

**ХОМХОБА** خام خوابه **:хомхоба шудан** *гуфт.* аз хоб сер нашудан.

**ХОМ-ХОМ** خام‌خام *ниг.* **хомохом**.

**ХОМЧӮТ** *гуфт.* خام‌چوت ҳисоби тахминӣ, тақрибӣ, ба гумон.

**хон** خوان 1. *асоси замони ҳозира аз* **хондан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънии* хонанда: **китобхон**, **овозхон**, **сурудхон**...

**ХОН** I *т.* خان 1. *таър.* лақаби подшоҳон ва сардорони қавм: **хони хонон** шоҳи шоҳон, шоҳаншоҳ, подшоҳи подшоҳон. 2. *ҳиссачаи эҳтиром, ки ба охири номҳои мардона ва занона ҳамроҳ мешавад*: **Аҳмадхон**, **Розияхон**.

**ХОН** II خوان дастархон, суфра, монда.

**ХОН** III خان хона, даргоҳ, маскан.

**ХОНА** خانه 1. маскан, як истиқоматгоҳ дар ҳавлӣ. 2. иморат, ҳавлӣ, ки чанд ҳуҷра дорад. 3. макон, ҷой, ошён; **хонаи бачагон** муассисаи нигоҳубини кӯдакон; *кҳн.* **хонаи маданият** муассисаи маданият ва равшаннамоии байни мардум; **хона кардан** макон кардан, хона сохтан; ошён кардан, ҷо гирифтан; **хона мондан (дар ҷое)** хона сохтан, ошён сохтан, лона сохтан (*парандаҳо, ҳашарот*); **хона сохтан** хона бино кардан; **хонаи** *касеро* **сӯхтан (сӯзондан)** касеро хонавайрон кардан, ба касе сахт шикаст додан; **хона ба хона шудан** пароканда шуда ҳар кас ба хонаи худ рафтан; **хонаат обод**! офарин ба ту!, раҳмат ба ту!; **хонааш сӯзад**! ба бало гирифтор шавад!, хонавайрон шавад!; **хона-хона** ба ғунҷоиши чандин хона; зиёд, бисёр, фаровон.

**ХОНАБАРАНДОЗ** خانه‌برانداز он ки хонаву хонумони касеро барбод медиҳад.

**ХОНАБАРБОД** خانه‌برباد хонавайроншуда, бечизу чора ва бехонаву ҷой монда, шикастхӯрда.

**ХОНАБАРДӮШ** خانه بردوش одами бехона, касе ки хонаву ҷои муайяне надорад, дарбадар, овора; **хонабардӯш гардидан (шудан)** аз хонаву ҷо ҷудо шудан, бехонаю ҷой мондан, дарбадар гардидан.

**ХОНАБАРОРӢ** خانه براری *гуфт.* рӯбучини пурраи хона, тоза кардани ҳама ҷои хона (*хусусан пеш аз иду маросим*).

**ХОНАБЕЗОР** خانه‌بیزار он ки дар хона нишастанро дӯст намедорад; касе ки барои хонаи худ ва оилаи худ кори фоиданоке намекунад.

**ХОНАБОФ** خانه‌باف *ниг.* **хонабофт**.

**ХОНАБОФТ** خانه بافت чизе, ки дар хона, бо дасти аҳли хонавода бофта шудааст.

**ХОНАВАЙРОН** خانه ویران хонааш барбод рафта, оилааш пароканда гардида; **хонавайрон кардан** зиндагии оилавии касеро барбод додан; **хонавайрон шудан** вайрон шудани зиндагии касе.

**ХОНАВАЙРОНӢ** خانه‌ویرانی хонабардӯшӣ, бехонумонӣ, дарбадарӣ, саргаштагӣ.

**ХОНАВОДА** خانواده хонадон, оила, аҳли хона, зану фарзанд.

**ХОНАВОДАГӢ** خانوادگی оилавӣ; **номи хонаводагӣ**, номи хонаводаӣ.

**ХОНАВОР** خانوار маҷмӯи касоне, ки дар як хонавода зиндагӣ мекунанд, нуфуси як хонавода, хона ё хоҷагӣ.

**ХОНАГАДО** خانه گدا бепаноҳ, ҷӯёи хона, мӯҳтоҷи паноҳгоҳ.

**ХОНАГИРӢ** خانه گیری хона гирифтан, соҳиби манзил шудан.

**ХОНАГИҲО** خانگی ها дар хона будагон, аҳли хона, онҳое, ки дар хона ҳастанд.

**ХОНАГӢ** خانگی 1. чизе ки дар хона тайёр мешавад: **нони хонагӣ**. 2. он чи дар хона парварда шудааст; **мурғи хонагӣ**; *муқоб.* **мурғи ваҳшӣ**; **ҳабси хонагӣ** дар хонаи шахсии худ таҳти назорат қарор гирифтани касе.

**ХОНАГУРЕЗ** خانه‌گریز он ки бо сабабе аз хонаи худ гурезон аст; **хонагурез шудан** аз хонаи худ бо сабабе гурезон гаштан.

**ХОНАҒУНДОРӢ** خانه‌غنداری рӯбучини хона, тоза кардан ва ба тартиб овардани асбобу анҷоми хона.

**ХОНАДОМОД** خانه‌داماد домоде, ки дар хонаи падару модари арӯс истиқомат мекунад; **хонадомод кардан** ҷавонеро домод карда ба хонаи худ овардан; **хонадомод шудан** домоде, ки

дар хонаи арӯс истиқомат дорад.

**ХОНАДОН** خاندان *ниг.* **хонавода**.

**ХОНАДОР** خانه‌دار 1. он ки хона дорад, соҳибхона. 2. он ки кору бори хонаро сариш-та мекунад; **хонадор кардан** зан гирифта додан, зандор кардан (касеро); **хонадор шудан** зан гирифтан, шавҳардор шудан. 3. марди зандор, зани шавҳардор.

**ХОНАДОРӢ** خانه داری 1. оиладоршавӣ, соҳиби хонаводашавӣ, зандоршавӣ ё шавҳардорӣ. 2. идора кардани кори рӯзғор, саришта кардани кори хона.

**ХОНАДОРШАВӢ** خانه‌دارشوی зандоршавӣ, оиладорӣ.

**ХОНАДУШМАН** خانه‌دشمن касе, ки хонашиниро дӯст намедорад; *муқ.* **хонашин**.

**ХОНАЗОД** خانه زاد 1. дар хонаводаи маълум зоидашуда. 2. чизи зотии як хонавода: **гови хоназод**, **мурғи хоназод**.

**ХОНАКОВАК** خانه‌کاوک **:хонаковак кардан** хона ба хона чизеро ҷустуҷӯ кардан, барои ёфтани чизе дар хонаҳо ковиш ба амал овардан.

**ХОНАКОВӢ** خانه‌کاوی 1. барои худ хона ҷустан, дар тараддуди ёфтани хонаи иқоматӣ будан. 2. дар хонаи касе кофтуков кардан; **хонаковӣ кардан** а) барои худ ҷои истиқомат ҷустуҷӯ намудан; б) дар хонае барои ёфтани чизе кофтуков кардан.

**ХОНАКОР** خانه‌کار он ки дар хона ба иҷрои коре машғул аст.

**ХОНАКӮЧ** خانه‌کوچ бо ҳамаи кӯч, бо тамоми анҷому ускунаи хона, хонахез.

**ХОНАҚОҲ** خانقاه 1. нишемангоҳи шайх ва эшонон, ки дар он ҷо иқомат ва ибодат мекарданд. 2. ҳуҷрае дар паҳлуи масҷидҳо.

**ХОНАҚОҲӢ** خانقاهی *мансуб ба* **хонақоҳ**.

**ХОНАҚОҲНИШИН** خانقاه‌نشین он ки дар хонақоҳ иқомат дорад; зоҳид; обид; шайх.

**ХОНАМОНДА** خانه‌مانده **:духтари хонамонда** духтари шавҳар накарда дар хонаи падар зиндагикунанда.

**ХОНАНДА** خاننده 1. китобхон, мутолиакунанда. 2. талаба, шогирди мактабхон. 3. сурудхон, ҳофиз.

**ХОНАНИШИН** خانه نشین он ки дар хона мешинад; гӯшанишин; **хонанишин шудан** аз хонаи худ берун набаромадан, гӯшанишинӣ ихтиёр кардан.

**ХОНАНИШИНӢ** خانه‌نشینی бештар дар хона нишастан ба берун набаромадан; мунзавӣ будан, гӯшанишинӣ.

**ХОНАОБОД** خانه آباد 1. хонаи обод доштан. 2. дуои ободиву осоиш дар мавриди таҳсин ва тақдир дар ҳаққи касе гуфта мешавад.

**ХОНАПАРВАРД** خانه‌پرورد касе, ки дар хона парвариш ёфтааст.

**ХОНАПОӢ** خانه‌پائی хонаро посбонӣ кардан, дар хона нишастан, хонаро муҳофизат намудан.

**ХОНАПОЙ** خانه‌پای хонашин, хонабон.

**ХОНАПУЛӢ** خانه‌پولی маблағи манзил; иҷорапулӣ.

**ХОНАПУРӢ** خانه‌پوری пуркунии хонаҳо (*катакчаҳо, хатҳо, сатрҳо*).

**ХОНАРАВШАНКУНӢ** خانه‌روشنکنی лаҳазоте пеш аз марг, ки дар бемор осори беҳбудӣ пайдо мешавад: **хонаравшанкунии пеш аз марг**.

**ХОНАРАС** خانه‌رس мевае, ки аз шохи дарахти хом канда мешавад ва дар муҳити хона баъдан мепазад.

**ХОНАРӮБАК** خانه‌روبک чизе ва касе ки хона мерӯбад; василае, ки бо он хонаро рӯбучин мекунанд.

**ХОНАРӮБӢ** خانه‌روبی рӯбучин дар хона, ҷорубкунӣ, тозакунии хона, рӯфтурӯби хона.

**ХОНАСАЛОТ** خانه‌سلات *гуфт.* хонавайрон, муфлису ночиз; **хонасалот кардан** касеро ночизу муфлис ва хонахароб кардан; **хонасалот шудан** хонавайрон шудан, хонабардӯш гардидан.

**ХОНАСОЗ** خانه‌ساز бинокор, устои бинокор, он ки дар хонасозӣ мутахассис шудааст.

**ХОНАСОЗӢ** خانه‌سازی бино кардани хона, бинокории хонаю ҷой.

**ХОНАСӮЗ** خانه‌سوز он ки хонаи касонро месӯзонад, он ки касонро дарбадару хонавайрон мекунад.

**ХОНАСӮХТА** خانه‌سوخته дуои бад; дар ҳаққи ка-

си нобакор.

**ХОНАТЛАС** خان اطلس навъе аз атласи куртаворӣ (хоматлас); *муқоб.* **атласи пухта**, ки нахи абрешими онро дар об меҷӯшонанд.

**ХОНАХАРОБ** خانه‌خراب 1. хонавайрон, муфлису дарбадар. 2. хонасӯхта; **хонахароб кардан** касеро бехонаву ҷой, бечизу дарбадар кардан; **хонахароб шудан** дарбадар ва бехонаю ҷой шудан, хонавайрон гардидан.

**ХОНАХЕЗ** خانه خیز бо тамоми аҳли хона, ҳама, якбора; **хонахез омадан** ҳама якбора омадан; **хонахез куч кардан** бо тамоми хонавор аз як ҷо ба ҷои дигар рафтан.

**ХОНАХУДО** خانه خدا соҳиб ва хӯҷаини хона, худованди хона.

**ХОНАЧА** خانچه хонаи майда, катак, катакча.

**ХОНАҶОЙ** خانه‌جای хонаи истиқоматӣ, бошишгоҳ, ҷои хонасозӣ.

**ХОНАШЕР** خانه شیر **:хонашери майдонғариб** касе, ки дар гуфтор калонгап ва мағрур, аммо дар амал тарсончак ва оҷиз аст; лофӣ, ёвагӯй, даҳанкалони беҳунар**.**

**ХОНАШИКАСТА** خانه شکسته касе, ки хонааш шикаста шуда бошад, хонавайрон.

**ХОНАШИН** خانه شین 1. касе, ки дар хона менишинад ва аз паи касбу коре намеравад. 2. иҷоранишин.

**ХОНАШИНӢ** خانه‌شینی хонанишинӣ, хонашин будан.

**ХОНДА** خوانده 1. хондашуда, мутолиашуда: **мактуби хонда**, **китоби хонда**. 2. мактабрафта, таҳсилкарда, маълумотнок, он ки чизеро хондааст; таҳсилдида. 3. даъватшуда.

**ХОНДАГӢ** خواندگی 1. хондашуда, қироатшуда. 2. хонда, таҳсилдида, бохату савод.

**ХОНДАН** خواندن 1. қироат кардан, мутолиа кардан навиштаеро, китоберо *ва г.* 2. таҳсил кардан, дарс гирифтан, омӯхтан (*дар мактаб*). 3. хонда додан, хонда шунавондан. 4. номидан, шуморидан; **бародар хондан** касеро ба худ бародар ҳисоб кардан, касеро ба бародарӣ баргузидан. 5. ба назди худ даъват кардан, чеғ задан. 6. суруд хондан, сароидан; сухан гуфтан суханронӣ кардан оид ба ягон мавзӯи илмӣ дар мактаби олӣ ё барои гурӯҳи шунавандагон; **намоз хондан** ба ҷо овардани намоз; **фотиҳа хондан** а) дуо хондан дар ҳаққи касе; б) “омин” гуфта даст ба рӯй кашидан; **хонда баромадан** сартосари чизеро хондан; хонда, мутолиа карда ба охир расонидан.

**ХОНДАНБОБ** خواندن باب хоно, хонданӣ, ҷолиб, шавқовар: **асари хонданбоб**.

**ХОНДАШУДАНӢ** خوانده شدنی он чи бояд хонда, мутолиа карда шавад; дарсе, ки бояд омӯхта шавад.

**ХОНЗОДА** خانزاده *мансуб ба* **хонадони хон**; авлоди хон (*писар ё духтар*).

**ХОНИГАРӢ** خانیگری хонӣ; ҳукмравои хонҳо, давлатдорие, ки ҳукмронӣ дар дасти хонҳо бошад.

**ХОНИМ** *т.* خانم *ниг.***хонум**.

**ХОНИШ** خوانش 1. хондан, мутолиа кардан. 2. таълим гирифтан, дарс гирифтан; **китоби хониш** китоби дарсии махсус барои машқ дар забони модарӣ. 3. тараннум, сароидан, сурудан, нағмасарой: **хониши булубул**.

**ХОНИШГОҲ** خوانشگاه *кит.* ҷои хониш, ҷои таълим, мактаб, дабистон, дабиристон.

**ХОНӢ** خانی хон будан, ҳукмронӣ кардан; **ба хонӣ бардоштан** касеро хони ҳукмрон эълон намуда ба вай изҳори тобеият кардан.

**ХОНО** خوانا ба осонӣ хондашаванда, равшан, ошкор(*хат*); **хати хоно** хати ба осонӣ хондашаванда.

**ХОНОНДАН** خواناندن 1. ба хондан водоштан (*мас., мактуберо*). 2. ба дарсхонӣ мондан, омӯхтан, таълим додан, соҳиби маълумот гардонидан.

**ХОНСОЛОР** خوانسالار сардори дастархон, тартибдиҳандаи дастархон; ошпаз, таббох; ◊ **хонсолори қудрат** Худо.

**ХОНСОҲИБ** خانصاحب унвони мурочиат ба аъёни афғонӣ дар собиқ.

**ХОНТАХТА** خوان تخته мизи пояҳояш паст, ки ба рӯяш дастархон андозанд.

**ХОНУМ//ХОНИМ** *т.* خانم унвони эҳтиромӣ, ки ба номи занон илова карда ё вақти муроҷиат ба онон гуфта мешавад.

**ХОНУМОН** خانمان//خان ومان хона ва бисоти он;

хона ва бошандагони он, аҳли хона, зану фарзанд.

**ХОНУМОНСӮЗ** خانمانسوز хонавайронкун, барбодгар; коре, ки боиси барбодии хонумон, сабаби хонавайронӣ гардад; **ҷанги хонумонсӯз** ҷанги хонаводаҳоро вайрон ва дарбадаркунанда.

**ХОНАЧА** خانچه хонаи хурд, ҳуҷраи майда; катакча.

**ХОНХОНӢ** خان خانی ба сари худ ҳукмрон доштани хону феодалҳо, феодализм.

**ХОНЧА** خان چه хонаи хурд; катак.

**ХОР** I خار 1. гиёҳе, ки дорои неши тези халанда ва харошанда аст. 2. сихчаҳои нӯгтези халанда ва харошандаи дарахт, хасак; **хори шутур** навъи гиёҳи хордор, ки шутур онро ба майли тамом мехӯрад; хори сари роҳ монеа, хала дар пешрафти коре. 3. устухони майдаи халанда (*мас., дар моҳӣ, қилтиқ*).

**ХОР** II خوار залил, паст, забун, ҳақир, беқадру эътибор; **хор доштан** *касеро* ҳақир шуморидан, ба касе бо назари таҳқир нигаристан; **хор кардан** *касеро* маломат ва сарзаниш кардан, паст задан; **хор шудан** залил шудан, беқадру эътибор гардидан.

**ХОР** III *ю.* خار гурӯҳи сарояндагон, ки якҷоя суруд мехонанд: **хори умумӣ**.

**ХОРА** خاره *ниг.* **хоро**.

**ХОРАЗМӢ** خوارزمی 1. *мансуб ба* **Хоразм**. 2 сокини Хоразм.

**ХОРАК** خارک хори майда, хорча.

**ХОРАСУМ** خارهسم сахтсум, *киноя аз* аспи тездав.

**ХОРАШИКАН** خارهشکن шикофкунандаи санги хоро; сахт.

**ХОРБАНД** خار بند *ниг.* **хорбаст**.

**ХОРБАСТ** خار بست чапар, девораи пасте, ки ба даври боғ ё мазрае созанд, ки чорпо надароянд, хорбанд; девора аз сими хордор.

**ХОРБИНӢ** خواربینی кам дидан, бад дидан, паст шумурдан, ҳақир донистан.

**ХОРБОР** خواربار хӯрокворӣ, озуқа.

**ХОРБУН** خاربن//خاربون буттаи хор, буттаи хордор.

**ХОРБУТТА** خاربته буттаи хор, гиёҳи хордор.

**ХОРВОР** خاروار чун хор, ба мисли хор тез ва халанда.

**ХОРГУЛ** خارگل *бот.* хуч, ҳулӯл, настаран; насрин.

**ХОРДОР** خاردار хорнок; **сими хордор** симе, ки сихҳои хормонанд дорад.

**ХОРЕОГРАФИЯ** *ю.* خاریاگرفیه санъати рақс ва балет, ба саҳнагузории рақсҳои балетӣ.

**ХОРЕОГРАФӢ** خاریاگرفی *мансуб ба* **хореография**; *мансуб ба* санъати рақс ва балет.

**ХОРЗОР** خارزار хористон, ҷои пурхор, ҷои зиёд рӯидани буттаҳои хордор.

**ХОРИДАН** خاریدن хориш кардан пӯсти баданро; **хоридани пушти (паси) сар** ба фикр фурӯ рафтан, фикр кардан.

**ХОРИҚ** *а.* خارق 1. харқкунанда, поракунанда, шикофанда. 2. *маҷ.* чизе, ки одату тартиботи муқаррариро вайрон мекунад; **хориқи одат** берун аз одат (*ба амал оварандаи чизе*).

**ХОРИҚУЛҚОИДА** *а.* خارقالقاعده ғайриодӣ, ғайримаъмулӣ, аз ақл берун, хилофи қоида.

**ХОРИҚУЛОДА** *а.* خارقالعادة кори ғайриодӣ, хилофи одат, ҳодисаи ғайриодӣ.

**ХОРИСТОН** خارستان *ниг.* **хорзор**.

**ХОРИҶ** *а.* خارج 1. берун, дар берун буда; *муқоб.* **дохил**. 2. дар беруни мамлакате; **дар хориҷи**... дар беруни...; **хориҷ кардан(намудан)** берун кардан, баровардан (аз ҷое), пеш кардан, бекор кардан (*аз коре*); **хориҷ шудан (гаштан)** баромадан, аз ҷое берун шудан.

**ХОРИҶА** خارجه беруна, берунӣ; берун аз кишвари худӣ.

**ХОРИҶАПАРАСТ** خارجهپرست он ки фарҳангу зиндагии хориҷиро дӯст медорад, бегонапараст, аҷнабипараст.

**ХОРИҶАПАРАСТӢ** خارجهپرستی хориҷадӯстӣ, бегонапарастӣ, аҷнабипарастӣ.

**ХОРИҶӢ** خارجی 1. *мансуб ба* **хориҷа**; аз хориҷа омада, тобеи мамлакати беруна. 2. беруна, берунӣ; *муқоб.* **дохилӣ**; **сиёсати хориҷӣ** сиёсати дахлдор ба мамлакатҳои беруна.

**ХОРИҶОҲАНГӢ** خارجآهنگی 1. *мус.* берун шуда-

ни нағма аз парда ва аз баҳру қоидаҳои худ. 2. *маҷ.* носозгорӣ, мухолифат.

**ХОРИШ** خارش *ниг.* **хоридан**. 2. бемории гузарандаи пӯстӣ, ки боиси хоридани сахти бадан мегардад; **хориш кардан** хориш пайдо кардани пӯсти бадан; **хориши гулӯ** *маҷ.* тамаъкорӣ, чашмдошти пора, пора гирифтанӣ шудан.

**ХОРИШАК** خارشک бемории пӯстие, ки боиси пайдоиши хориш мешавад; *ниг.* **хориш** 2.

**ХОРИШАНГЕЗ** خارش‌انگیز хориш ба амал оваранда, хороннда.

**ХОРИШДОР** خارش‌دار 1. мубтало ба бемории хориш, он ки хориш дорад. 2. хоришкунанда, хориш ба амаловаранда; дамидагиҳои хоришдор.

**ХОРИШОВАР** خارش‌آور таҳриккунандаи хориш.

**ХОРӢ** خواری хор будан, залилӣ, ҳақирӣ, забунӣ; **ба (дар) хорӣ** дар ҳолати забунӣ, дар забунию ҳақирӣ; **хорӣ додан** ба *касе* таҳқир кардан, маломат кардан; **хорӣ кашидан** дар зиллат мондан, хорузор шудан.

**ХОРКАШ** خارکش касе ки хор мекашонад, касе, ки аз саҳро хор ғундошта мефурӯшад, хоркан.

**ХОРКАШАК** خارکشک *ниг.* **хаскашак**.

**ХОРКАШӢ** خارکشی кор ва амали хоркаш, овардани хор барои фурӯш ё барои аловӣ.

**ХОРМЕЙСТЕР** *ю.* خارمییستیر *мус.* роҳбари хор.

**ХОРМОҲӢ** خارماهی *зоол.* моҳиҳои хурд, ки дар пеши болҳои пушти онҳо хорҳое вуҷуд доранд, ки теъдодашон вобаста ба андозаи моҳӣ тағйир меёбад.

**ХОРНОК** خارناک хордор.

**ХОРО** خارا санги хоро.

**ХОРОӢ** خارایی 1. аз санги хоро. 2. *маҷ.* сахтӣ, қувватнокӣ.

**ХОРОН** خاران *феъли ҳол аз* **хоридан; хорон-хорон** хорида истода..., дар ҳолати хоридан.

**ХОРОН(И)ДАН** خاراندن//خارانیدن ба хориш овардан, тақозои хориш пайдо кунонидан, хориш додан.

**ХОРОСАНГ** خاراسنگ санги хеле калони сахт, санги хоро.

**ХОРОТАРОШ** خاراتراش он ки ба тарошидан ва суфта кардани саису хоро машғул аст, сангтарош.

**ХОРОШИКАН** خاراشکن он чи хороро мешиканад, олати қавӣ, абзори тавоно ва сангшикан.

**ХОРПУЛӢ** خارپولی *таър.* навъи андоз дар аморати Бухоро, ки дар мавриди кишта нашудани заминҳои амлок ва хорзор шудани онҳо аз соҳибони он заминҳо гирифта мешуд.

**ХОРПУШТ** خارپشت ҷонвари майдаи пистондори ҳашарахӯр, ки пӯсташ хордор аст.

**ХОРПУШТАК** خارپشتک *зоол., ниг.* **хорпушт**.

**ХОРПУШТӢ** خارپشتی *мансуб ба* **хорпушт**; он чи пушташ ба мисли хорпушт аст.

**ХОРПӮСТОН** خارپوستان навъе аз ҷонварони дарёӣ, ки баданашон хордор аст.

**ХОРСИМ** خارسیم симҳои хордор, симхор.

**ХОРТУТ** خارتوت *бот.* як навъи тут, бектошӣ.

**ХОРТӮДА** خارتوده тӯдаи (ғарами) хор.

**ХОРУЗОР** خواروزار залил, ҳақир, беқадру эътибор; **хорузор кардан** касеро беқадру эътибор гардонидан; **хорузор шудан** беқадру эътибор шудан.

**ХОРУЗОРӢ** خواروزاری пастӣ, зиллат, беэътиборӣ, номӯътабарӣ, хорӣ.

**ХОРУМОЛ** خارومال хорумол кардан чизеро, чорпоеро молида навозиш кардан.

**ХОРХАСАК** خارخسک гиёҳи яксола аз оилаи ҳазориспандҳо, ки донаҳои он хусусияти давоӣ доранд.

**ХОР-ХОР** خار خار ҳолати хориши бадан; ҳолате, ки дар натиҷаи талаб ва ҳавас ба чизе дар одам пайдо мешавад; **забон хор-хор кардан** гуфтан хостан, гуфтанӣ шудан, хоҳиши чизеро гуфтан пайдо кардан.

**ХОРШАКАР** خارشکر *бот.* шакарак, ширaи шахшудаи баъзе гиёҳҳо.

**ХОРШУТУР** خارشتر буттаи баланди хордор, ки дар биёбон мерӯяд.

**ХОС** *а.* خاص 1. махсус, хос будан; **хос будан ба** *касе ё чизе* махсус будан. 2. баргузида, имтиёзнок; **хосу ом** одамони баргузида ва одӣ, ҳамагӣ, ҳама.

**ХОСА** I *а.* خاصه 1. хос, махсус. 2. баргузида, як-

качин; имтиёзнок. 3. муқарраб, наздик (*ба амир ё ҳоким*), надим; **саворони хоса** саворони яккачин, муҳофизони хос (-и амир ё ҳоким).

**ХОСА** II *а.* خاصه матои нафиси тунуки сафед.

**ХОСАБОФ** خاصه باف бофанда; истеҳсолкунандаи матои ҳарир, дока.

**ХОСАБОФӢ** خاصه‌بافی бофандагӣ; ҳарирбофӣ, докабофӣ.

**ХОСАГӢ** خاصگی 1. хос, махсус, баргузида. 2. ҳар чизи аъло, нафис, мумтоз; **базми хосагӣ** базми махсус ва маҳдуд, базм бо иштироки одамони баргузида.

**ХОСИЯТ** *а.* خاصیت 1. хислат, одат, табиат, кирдор, сифати (хулқи) ба ягон кас хос. 2. хислати нек, хусусияти хуб, неккадамӣ; **хосият доштан** нек будан, бо пойи қадам будан.

**ХОССА** *а.* خاصه 1. он чи махсуси касе ё чизе бошад. 2. махсус, махсусан.

**ХОСТ** خواست хоҳиш, майл, ирода, ихтиёр; **ба хости худ** ба хоҳиши худ, бо майли худ.

**ХОСТАГИРӢ** خواسته گیری интихоб карда гирифтан, хуш (ҷудо) карда гирифтан.

**ХОСТАН** I خواستن хоҳиш кардан, орзу доштан, талаб крдан; **хоста гирифтан** интихоб карда гирифтан; **сухан хостан** ба гап задан рухсат пурсидан.

**ХОСТАН** II خاستن *ниг.* **хестан**, бархостан.

**ХОСТГОР** خواستگار хоҳанда, толиб, толиби издивоҷ; **хостгор фиристодан** завчӣ фиристодан, ба воситаи касе ба духтаре толиб шудан(ба занӣ), кас мондан; **хостгор шудан** толиб шудан, духтареро ба занӣ хостан.

**ХОСТГОРӢ** خواستگاری завчагӣ, толибшавӣ ба издивоҷ; **ба хостгорӣ рафтан** завчӣ шуда рафтан ба духтаре.

**ХОСТГОРШАВАНДА** خواستگارشونده *ниг.* **хостгор**.

**ХОСТОР** خواستار хоҳон, толиб, хоҳанда.

**ХОТАМ** I *а.* خاتم ангуштарӣ; ангуштарии мӯҳрадор; нигин; мӯҳр.

**ХОТАМ** II *а.* خاتم поён, оқибат.

**ХОТАМБАНД** خاتم بند касе, ки аз дандони фил, устухони уштур ва ё аз чӯб кандакорӣ ва нақшу нигор мебандад.

**ХОТАМБАНДӢ** خاتم‌بندی санъати аз дандони фил, устухони уштур ва ё аз чӯб кандакорӣ ва нақшу нигор бастан.

**ХОТАМКОР** خاتم کار он ки шуғлаш хотамкорӣ аст.

**ХОТАМКОРӢ** خاتم‌کاری ба вуҷуд овардани гулҳо ва нақшҳо аз устухон, чӯб *ва г.* дар рӯи чизе.

**ХОТАМСОЗ** خاتم ساز *ниг.* **хотамкорӣ**.

**ХОТАМСОЗӢ** خاتم سازی *ниг.* **хотамкорӣ**.

**ХОТАМУЛАНБИЁ** خاتم‌الانبیا 1. охирин пайғамбар, пайғамбари охир (замон), расули ниҳоӣ. 2. нигини анбиё, пайғамбарон (*лақаби Муҳаммад* (с.)).

**ХОТИМ** *а.* خاتم *ниг.* **хотам** II.

**ХОТИМА** *а.* خاتمه 1. поён, анҷом, охир. 2. охири китоб, поёни гуфтор; **хотима додан** ба поён расонидан кореро, анҷом додан ба коре; **хотима ёфтан** тамом шудан, ба анҷом расидани коре.

**ХОТИМАВӢ** خاتموی қисми охирини чизе, анҷом ва охири чизе; **сухани хотимавӣ** сухани охирин, сухани ҷамъбастӣ.

**ХОТИР** *а.* خاطر 1. ёд, ҳофиза. 2. он чи дар дил гузарад, дил, замир; **лавҳи хотир** замири дил; **ба хотир; барои хотир; ба ризои хотири...** барои, ба ҳурмати..., барои хурсандии...; **ба (барои) поси хотир** барои ҳурмат ё хурсандии касе; **хотири ҷамъ** бе ташвиш, бо дили осуда; **аз хотир баромадан (рафтан)** фаромӯш шудан; **аз хотир гузарондан** аз дил гузарондан, дар бораи чизе фикр кардан; **ба (аз) хотир гузаштан** ба ёд омадан; **дар хотир доштан** фаромӯш накардан, дар ёд нигоҳ доштан; **ба хотир овардан** ёдрас кардан; **хотири** *касеро* **риоя кардан** поси ҳурмати касеро нигоҳ доштан; **хотири** *касеро* **ҷамъ кардан** хавотиру ташвиши касеро бартараф сохтан.

**ХОТИРА** *а.* خاطره 1. ҳофиза, ёд: **хотираро қувват додан**. 2. ёдбуд, ёдоварӣ, ёд: **хотираи рӯзҳои гузашта**. 3. ёддошт, он чи барои ёдоварӣ ва фаромӯш нашудан навишта шудааст; **дафтари хотира** дафтаре, ки дар он ёддоштҳои касе қайд карда шудааст.

**ХОТИРАВӢ** خاطروی хотировар, фаромӯш–

нашаванда, ёддоштӣ.

**ХОТИРАГӮӢ** خاطره‌گویی нақлу ривояти хотираҳо, ёдоварии гузаштаҳо.

**ХОТИРАНАВИС** خاطره نویس нависандаи хотира, ёддоштнигор, ёддоштнавис.

**ХОТИРАНАВИСӢ** خاطره نویسی қайд кардан, ба қалам овардани ёддоштҳо ва гузоришоти гузашта.

**ХОТИРАНИГОРӢ** خاطره‌نگاری *ниг.* **хотиранависӣ**.

**ХОТИРАФСУРДА** خاطرافسرده афсурдахотир, хотирпарешон; он ки хотири ҷамъ ва оромӣ надорад.

**ХОТИРБИНӢ** خاطربینی нигоҳдории иззату ҳурмати касе, ҳурмату эҳтироми касеро ба ҷо овардан.

**ХОТИРДОРӢ** خاطرداری алоқа, майл доштан ба касе, поси хотир.

**ХОТИРДОШТ** خاطرداشت эътибор; эҳтиром, ҳусни таваҷҷӯҳ, мавқеъ.

**ХОТИРМУШАВВАШ** خاطرمشوش хотирпарешон, ноосудахотир, парешонҳол, шӯрида–аҳвол.

**ХОТИРНАВОЗ** خاطرنواز мувофиқи табъ; хушоянд; он ки ё он чи касеро хурсанд мекунад.

**ХОТИРНИШИН** خاطرنشین ҷойгиршуда дар хотир, фаромӯшнашаванда; **хотирнишин сохтан** дар хотири касе ҷойгир кардан (*фикре, воқеаеро*).

**ХОТИРНИШОН** خاطرنشان нишонакунанда дар хотир, фаромӯшнашуданӣ; ёдоварӣ, бахотиргирӣ; **хотирнишон кардан (намудан)** ба хотири касе овардан, ёдовар кардан, гӯшрас намудан.

**ХОТИРОЗОР** خاطرآزار мушаввашкунанда, боиси ошуфтагӣ ва парешонӣ, он чи дили касро норохат ва озурда месозад.

**ХОТИРОЗУРДА** خاطرآزرده озордида, ситамкаш.

**ХОТИРОТ** *а.* خاطرات *ҷ.* **хотира** 3; ёддошти гузаштаҳо, зикри он чи дар ёди кас боқӣ мондааст.

**ХОТИРОШУФТА** خاطرآشفته *ниг.* **хотирпарешон**.

**ХОТИРПАЗИР** خاطرپذیر чизе, ки ба касе маъқул аст, писандида, марғуб.

**ХОТИРПАРЕШ** خاطرپریش 1. он чи фикру хотирро парешон мекунад. 2. он ки фикраш парешон аст.

**ХОТИРПАРЕШОН** خاطرپریشان касе, ки ҳавосаш ошуфта бошад, мушавваш, нотинҷ; **хотирпарешон будан** аз ҷиҳате дар изтироб будан, хавотир доштан.

**ХОТИРПАРЕШОНӢ** خاطرپریشانی ошуфтадилӣ, ноосудахотирӣ; *муқоб.* **хотирҷамъӣ**.

**ХОТИРРАС//ХОТИРРАСОН** خاطررس//خاطررسان ёдрас, ёдовар; **хотиррас кардан** *чизеро ба касе* ёдовар шудан, ба ёди касе овардан чизеро.

**ХОТИРПИСАНД** خاطرپسند дилкаш, табъи дил, матбӯъ, дилпазир, дилнишин.

**ХОТИРРАСОН** خاطررسان *ниг.* **хотирнишон**.

**ХОТИРРАСОНӢ** خاطررسانی хотиррасон кардан, ба ёд овардан.

**ХОТИРФИРЕБ** خاطرفریب дилфиреб, дилрабо, зебо, дилкаш.

**ХОТИРХОҲ** خاطرخواه маъқул ва дилхоҳи касе, дилписанд, мувофиқи табъ ва майли кас.

**ХОТИРХОҲӢ** خاطرخواهی анҷоми коре ба хотири касе, барои ризоӣ ва хурсандии касе, ба риояти хотири касе.

**ХОТИРҶАМЪ** خاطرجمع дилосуда, беташвиш; **хотирҷамъ будан** осудадил будан, ташвиш ва хавотирӣ надоштан; **хотирҷамъ кардан** *касеро* касеро дилосуда кардан, дилпур кардан; хотирҷамъ шудан аз коре, осуда шудан.

**ХОТИРҶАМЪӢ** خاطرجمعی осудагии хотир, ташвишу дилбеқарорӣ надоштан, осуда будан.

**ХОТИРҶАМЪОНА** خاطرجمعانه ба оромӣ, ба осудагӣ, бо фароғи хотир, бе ҳеҷ нигаронӣ ва изтироб.

**ХОТИФ** *а.* خاطف дурахшанда, ҷилодор.

**ХОТӢ** *а.* خاطی касе, ки хато мекунад, хатокор, хатокунанда, гунаҳкор.

**ХОТУН** *т.* خاتون хонум, бону, кадбону.

**ХОХОМ** خاخام пешвои дини яҳудӣ, раввин.

**хоҳ** خواه 1. *асоси замони ҳозира аз* **хостан.** 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* хоҳанда, толиб: **хайрхоҳ, озодихоҳ…**

**ХОҲ** خواه 1. *пайвандаки ихтиёр, ки интихобро ифода мекунад*; ё…, ё…; **хоҳ ин, хоҳ вай.**

**ХОҲАМ-НОХОҲАМ** خواهم‌ناخواهم бо дили нохоҳам, бе майлу рағбат.

**ХОҲАНДА** خواهنده 1. хоҳишкунанда, дархосткунанда, пурсанда. 2. моил, роғиб, толиб.

**ХОҲАР** خواهر ҳамшира, духтаре, ки бо писар ё духтари дигар аз як падару модар зоида шуда бошад.

**ХОҲАРАНДАР** خواهراندر хоҳари ӯгай.

**ХОҲАРАРӮС** خواهرعروس хоҳари зан.

**ХОҲАРЗАН** خواهرزن *ниг.* **хоҳарарӯс**.

**ХОҲАРЗОДА** خواهرزاده фарзанди ҳамшира (*писар ё духтар*).

**ХОҲАРӢ** خواهری хоҳарона; хоҳар будан.

**ХОҲАРОНА** خواهرانه мисли хоҳар; хоҳарӣ.

**ХОҲАРХОНД** خواهرخواند *ниг.* **хоҳархонда**.

**ХОҲАРХОНДА** خواهرخوانده духтар ё зане, ки касе вайро ба хоҳарӣ қабул карда бошад.

**ХОҲАРЧА** خواهرچه хоҳари хурдсол, хоҳари хурдӣ.

**ХОҲАРШӮ(Й)** (ی)خواهرشو духтар ё зане, ки хоҳари шавҳари зане бошад.

**ХОҲИШ** خواهش 1. хостан, пурсидан, дархост; илтимос. 2. майл, рағбат, орзу.

**ХОҲИШГАР** خواهشگر хоҳишкунанда, пурсанда, илтимоскунанда.

**ХОҲИШДОР** خواهش دار *ниг.* **хоҳишманд**.

**ХОҲИШМАНД** خواهش مند хоҳишкунанда, дархосткунанда, хоҳишдор.

**ХОҲ-НОХОҲ** خواه ناخواه хоҳӣ нахоҳӣ, ба майл ва бар хилофи майл; ба ҳар ҳол, ба ҳар сурат.

**ХОҲОН** خواهان хоҳанда, толиб, муштоқ, орзуманд.

**ХОЧ** خاچ *бот., гуфт.* занбӯруғ, қорч.

**ХОҶ** خاج салиб, чалипо; **хоҷ кашидан** бо ангуштон дар рӯи сина аломати салибро ифода кардан, ки аз маросимоти дини насронист.

**ХОҶА** خواجه 1. бузург, соҳиб, соҳибкор, хӯҷаин. 2. *мансуб ба* **насли хоҷагон**.

**ХОҶАГИДОР** خاجگیدار сарвари хоҷагӣ, сариштакунандаи корҳои хоҷагӣ.

**ХОҶАГИДОРӢ** خواجگیداری идора кардани хоҷагӣ, саришта намудани хоҷагӣ.

**ХОҶАГӢ** خواجگی 1. хоҷа будан, мансубият ба хоҷаҳо. 2. хоҷагидории воҳид, воҳиди хурди иқтисодии як оила ё якчанд оила: **хоҷагидории дастаҷамъӣ**; **мудири хоҷагӣ** касе, ки мутасаддии корҳои хоҷагии муассиса ё корхонаест; **хоҷагии коммуналӣ** *мансуб ба* хоҷагии шаҳр ё ноҳия.

**ХОҶАЗОДА** خواجه زاده фарзанди хоҷа.

**ХОҶАСАРОЙ** خواجه سرای *кӯҳ.* навкар, маҳрам, хизматгор дар ҳарами подшоҳ ва амирон.

**ХОШОК** خاشاک 1. хору хас, алафи хушк, резаи беда, коҳ *ва г.* 2. хӯроки чорво.

**ХОШОКДАРАВӢ** خاشاک‌دروی даравидани алафҳои худрӯ барои хӯроки чорпо.

**ХОЯ** خایه тухми инсон ё ҳайвони нар, байза, хуся.

**ХОЯНДА** خاینده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **хоидан**. 2. бо дандон резакунанда (*мас., муш, кӯрмуш ва г.*).

**ХОЯРЕЗ** خایه‌ریز *кит.* нонхӯрише, ки аз тухми мурғ тайёр мешавад, ки онро хогина ҳам мегӯянд.

**ХРИСТИАНӢ** خرستیانی *мансуб ба* **дини Исо**, исавӣ.

**ХРЕСТОМАТИЯ** *ю.* خرستامتیه китоби таълимӣ, ки осори мунтахаб ва ё намунаҳо аз осори ягон соҳаи илм аст.

**ХРОМ** *ю.* خرام 1. унсури химиявӣ. 2. навъе чарми нарми тунук; **мӯзаи хром** мӯзае, ки аз чарми хром дӯхта шудааст.

**ХРОМГАР** خرام گر *кит., тех.* хромкор, он ки бо хром кор мекунад.

**ХРОМДОР** خرام دار ҳар чизе, ки дар таркибаш хром дорад, хромандуда.

**ХРОМОСОМА** *ю.* خراماسامه *биол.* қисми ҳастаи ҳуҷайраи бадани ҳайвоноту наботот, ки шомили маълумоти ирсӣ мебошад.

**ХРОНОЛОГИЯ** *ю.* خرانالاگیه қайди ҳодисаҳо бо тартиби рӯй додани онҳо, зикри воқеаҳо аз рӯи таърих санаи рӯйдоди онҳо.

**ХРОНОЛОГӢ** خرانلاگی *мансуб ва оид ба* **хронлогия**.

**ХУБ** خوب 1. нағз, нек; *муқоб.* **бад**. 2. зебо, хушрӯй; *муқоб.* **зишт**. 3. пас аз шунидани амр ё супорише мегӯянд "хуб", яъне «қабул дорам», «розӣ ҳастам»; ҳо, оре, бале. 2. *мач.* мустаҳкам.

**ХУБӢ** خوبی 1. некӣ, нағзӣ, некӯӣ; *муқоб.* **бадӣ.** 2. хушрӯӣ, зебоӣ; **ба хубӣ** а) дар хубӣ, дар некӯӣ, дар ҳусну зебоӣ. 3. хуб, нағз**; ба хубӣ дар ёд дорам, ки ...**

**ХУБКИРДОР** خوب‌کردار дорои кирдори накӯ, накӯхирад.

**ХУБКОР** خوب‌کار он ки хуб кор мекунад, он ки хубкор аст, он ки хубӣ мекунад.

**ХУБМАНЗАР** خوب‌منظر хушнамуд, хушшакл, хубсурат.

**ХУБНИҲОД** خوب نهاد *ниг.* **хубсират**.

**ХУБОНӢ** خوبانی 1. зардолуе, ки бо мағзи бодом хушконида шудааст. 2. *мач.* лаби хурморанг. 3. як навъи себ, ки бо номи себи хубонӣ машҳур аст.

**ХУБРӮӢ** خوب روئی зебо, дилкаш, хушсурат.

**ХУБРӮЙ** خوب‌روی зебо, хушрӯй, қашанг, дилписанд.

**ХУБС** *а.* خبث бадтинатӣ; бадӣ, бадҷинсӣ, палидӣ.

**ХУБСИМО** خوب سیما *ниг.* **хубрӯй**.

**ХУБСИРАТ** خوب‌سیرت он ки хулқу хӯйи нек дорад.

**ХУБСИРИШТ** خوب‌سرشت *ниг.* **хубсират**.

**ХУБСУРАТ** خوب صور ت *ниг.* **хубрӯй**.

**ХУБФАРҶОМ** خوب فرجام коре, ки оқибаташ нек аст, касе, ки оқибати кораш нек аст.

**ХУБХАД** خوب‌خد *кит.* хубрӯй, хубрухсор, нексурат.

**ХУБЧЕҲРА** خوب چهره хушрӯ, зебо, соҳибҷамол, соҳибҳусн.

**ХУВОРА** خواره *кит.* таом, ғизо; нӯшиданӣ.

**ХУД** خود 1. *ҷонишини* **хеш**, **хештан**. 2. ба ҷои ҷонишинҳои шахсӣ низ кор фармуда мешавад: **агар худ ин ҷо бошӣ** агар ту ин ҷо бошӣ; **худ аз худ** ба сари худ; **худ ба худ** а) ба майл ва иродаи худ, ба ихтиёри худ; б) бе ягон сабаб; в) дар замири дили худ; **аз худ кардан** соҳиб шудан, дар тасарруфи худ даровардан; **худро ба нодонӣ задан (андохтан)** худро бехабар вонамуд кардан; **худро нишон додан** дар коре маҳорат ва қобилияти худро зоҳир сохтан; **ба худ омадан** ҳушёр шудан; **аз худ рафтан** а) беҳуш шудан; б) мағруру худписанд шудан; **худро даст гирифтан** худдорӣ карда тавонистан; **худро шинохтан** а) шуурнок шудан, неку бадро фарқ карда метавонистагӣ шудан; б) мавқеъ ва қадру қимати худро муайян карда тавонистан.

**ХУДАЗОБДИҲӢ** خودعذابدهی худро ранҷу заҳмат додан.

**ХУДАМАЛКУНАНДА** خودعمل‌کننده худсарӣ, худраъй; абзоре, ки ба таври худкор худ ба худ амал мекунад.

**ХУДАНГЕЗӢ** خودانگیزی ба ҷунбиш (ҳаракат) овардани худ, шӯрондани худ.

**ХУДАФРӮЗ** خودافروز худ аз худ даргиранда, худ аз худ равшаншаванда.

**ХУДАФРӮЗИШ** خودافروزش худ аз худ даргирӣ, худ аз худ равшаншавӣ.

**ХУДБИН** خودبین мағрур, мутакаббир, худпараст, худхоҳ.

**ХУДБИНӢ** خودبینی мағрурӣ, такаббур, худпарастӣ, худхоҳӣ.

**ХУДБИНОНА** خودبینانه бо ғуруру такаббур, худхоҳона.

**ХУДБОВАР** خودباور он ки ба дигарон беэътиноӣ карда, ба худ аз ҳад зиёд боварӣ дорад.

**ХУДБОВАРӢ** خودباوری эътимоди афрод ба худ; мағрурӣ, такаббур.

**ХУДБОВАРОНА** خودباورانه бо итминон ва боварӣ ба худ, мағрурона.

**ХУДВИЖА** خودویژه хосса, махсус, ба худ хос.

**ХУДВИЖАГӢ** خودویژگی хоссагӣ, махсусият, хос будан, хусусияти хос доштан.

**ХУДГАРД** خودگرد мошини худҳаракаткунанда: **техникаи худгард**.

**ХУДГУДОЗӢ** خودگدازی бисёр ғам хӯрдан, бисёр азоб кашидан, худхӯрӣ.

**ХУДГУМКУНӢ** خودگمکنی худфаромӯшӣ, худро аз даст додан.

**ХУДДАРГИР** خوددرگیر худ ба худ даргиранда, худсӯзанда, худсӯз.

**ХУДДАРГИРӢ** خوددرگیری худ ба худ дар гирифтан, худсӯзандагӣ, *мач.* бе ихтиёр ба ҳаяҷон, ба шӯр омадан.

**ХУДДОН** خوددان он ки танҳо худ ва манфиати худро дар назар мегирад, худдонам.

**ХУДДОНАМ** خوددانم худсар, ҳавобаланд, маслиҳатногир, бебок, густох.

**ХУДДОНАМӢ** خوددانمی ҳавобаландӣ, худситоӣ, якравӣ, худкомӣ.

**ХУДДОР** خوددار он ки аз корҳои нораво худро боз медорад, хештандор, парҳезгор, батоқат, бошикеб.

**ХУДДОРӢ** خودداری таҳаммул, бурдборӣ, худро ба даст гирифтан, худнигаҳдорӣ; **худдорӣ кардан (намудан)** худро аз коре боз доштан, худро даст гирифтан.

**ХУДДӮСТ** خوددوست худбин, худпараст, худхоҳ, он ки танҳо худ ва манфиати худро ба эътибор мегирад.

**ХУДДӮСТӢ** خوددوستی *ниг.* **худпарастӣ**.

**ХУДИДОРА** خوداداره ҳуқуқи ҳаллу фасл ва идораи корҳо дар дохили як воҳиди миллӣ - территориавӣ; мухторият.

**ХУДӢ** خدی 1. *мансуб ба* **худ**. 2. бегона набудан, ошно; **одами худӣ** одами ошно, одами боэътимод.

**ХУДКАРДА** خودکرده он чи ё коре, ки аз дасти худи кас меояд; **худкардаро даво нест**, **вовайлои пинҳонӣ** (*мақ.*). он ки худаш боиси бадбахтӣ ва фалокати худ гардидааст.

**ХУДКИФОӢ** خودکفائی *ниг.* **худмаблағгузорӣ**.

**ХУДКОМ//ХУДКОМА** خودکام//خودکامه худсар, худхоҳ, якрав, маслиҳатношунав.

**ХУДКОМӢ** خودکامی худсарӣ, якраҳагӣ, ҳавопарастӣ, мағрурӣ.

**ХУДКОР** خودکار дастгоҳ ва олате, ки ба худии худ кор мекунад, автомат.

**ХУДКУШӢ** خودکشی ба воситае ба ҳаёти худ хотима додан, худро куштан.

**ХУДМАБЛАҒГУЗОРӢ** خودمبلغ گذاری худкифоӣ, ҳисоби хоҷагӣ.

**ХУДМАНИШӢ** خودمنشی *ниг.* **худпарастӣ**.

**ХУДМАҲДУДКУНӢ** خودمحدودکنی маҳдуд ва танг кардани доираи ихтиёри худ.

**ХУДМУРДА** خودمرده чорпое, ки сақат шуда ҳаром мурдааст: **гӯсфанди худмурда**.

**ХУДМУХТОР** خود مختار соҳибихтиёр, автономӣ.

**ХУДМУХТОРӢ** خود مختاری истиқлол дар идораи дохилии кишвар, вилоят ё ноҳияе, автономия, мухторият.

**ХУДНАВИС** خودنویس қаламе, ки сиёҳии он аз маҳзани махсус ба таври автоматӣ меояд.

**ХУДНАМО** خودنما он ки худро таъриф мекунад, худсито, мағрур.

**ХУДНАМОӢ** خودنمایی худро беш аз он ки ҳаст ба қалам додан, худситоӣ, ғурур; **худнамоӣ кардан** худро ва кору бори худро таъриф кардан, ман-манӣ кардан, худситоӣ кардан.

**ХУДО** خدا 1. *д.* халқкунанда, холиқ, Аллоҳ. 2. соҳиб, молик; **ба умеди Худо ҳам шавӣ, буттаро маҳкам дор** (*мақ.*); **Худо медонад** дар мавриди саҳеҳ маълум набудани коре гуфта мешавад; **аз барои Худо, ба Худо** дар мавриди қасам гуфта мешавад; **Худо раҳмат кунад** дар мавриди ба некӣ ёд кардани мурдагон гӯянд; **Худо хоҳад** агар насиб бошад (*дар мавриди орзу кардани чизе ё коре гӯянд*).

**ХУДОБЕЗОР** خدابیزار касе, ки аз вай некӣ намебарояд, одами бадкор, бадтинат.

**ХУДОБЕХАБАР** خدابیخبر дар ҳаққи одами беинсофу золим ва бемулоҳиза гӯянд.

**ХУДОВАНД** خداوند *ниг.* **Худо**.

**ХУДОГОҲ** خداگاه шахси аз таъриху сарнавишту фарҳанг ва тамаддуни миллати худ огоҳ, бафарҳанг.

**ХУДОГОҲӢ** خداگاهی аз таъриху сарнавишт ва тамаддуни миллати худ ва кишвари хеш огоҳ будан: **худогоҳии миллӣ**.

**ХУДОДОД** خداداد *ниг.* **худодода**.

**ХУДОДОДА** خداداده 1. он чи ки гӯё аз тарафи Худо дода шудааст. 2. фитрӣ, модарзод; табиӣ (*мас.*, *қобилияти худодод*).

**ХУДОЗАДА** خدازده 1. ба ғазаби Худо гирифторшуда. 2. шарманда, расво, беобрӯю беэътибор.

**ХУДОЗАДАГӢ** خدازدگی *ниг.* **худозада**.

**ХУДОЗМОӢ** خودآزمائی худсанҷӣ, худро имтиҳон кардан.

**ХУДОӢ** خدائی 1. *мансуб ба* **Худо**. 2. эҳсон ва хайроте, ки дар роҳи Худо дода мешавад. 3. бемузд, муфт; **худоӣ додан(кардан)** хайрот кардан (*барои мурда*).

**ХУДОЙ** خدای *ниг.* **Худо**.

**ХУДОЙГОН** خدایگان *кит.* подшоҳи бузург, подшоҳи муқтадир.

**ХУДОЙНАМО** خدای نما **:оинаи худойнамо** *киноя аз* оинае, ки саҳеҳу дуруст нишон медиҳад.

**ХУДОМӮЗ** خودآموز 1. он ки чизеро худаш бе муаллиму устод омӯхтааст. 2. китоб барои омӯхтани чизе бе ёрдами роҳбаре.

**ХУДОМӮЗАНДА** خودآموزنده он ки чизеро бе кумаку роҳбарии касе ёд мегирад; омӯхта истода.

**ХУДОМӮЗӢ** خودآموزی ёдгирии чизе ба сари худ, бе ёрдами роҳбаре.

**ХУДОНОТАРС** خداناترس он ки аз Худо боке надорад; дар ҳаққи одами беинсоф, бемулоҳизаю бебок гӯянд.

**ХУДОНОТАРСӢ** خداناترسی аз Худо боке надоштан, худоношиносӣ.

**ХУДОНОШИНОС** خداناشناس *ниг.* **худонотарс**.

**ХУДОНОШИНОСӢ** خداناشناسی *ниг.* **худонотарсӣ**.

**ХУДОПАРАСТ** خداپرست мӯътақид ба Худо, диндор, итоаткор ба фармудаҳои дин.

**ХУДОПАРАСТӢ** خداپرستی мӯътақидӣ, диндорӣ, мӯъминӣ.

**ХУДОПИСАНД** خداپسند савоб, мақбул, кори хайр.

**ХУДОРАҲМАТӢ** خدارحمتی шодравон, равоншод, раҳматӣ.

**ХУДОРО** خودآرا он ки худашро барои намоиш орову торо медиҳад.

**ХУДОРОӢ** خودآرائی ороиш додани худ барои намоиш ва худнамоӣ.

**ХУДОТ** خدات унвони подшоҳони Осиёи Миёна қабл аз ислом, маънои соҳибро ифода мекунад.

**ХУДОТАРС** خداترس он ки аз Худо метарсад, он ки ба сабаби худотарсӣ аз корҳои баду ноҳушоянд худдорӣ мекунад.

**ХУДОТАРСӢ** خداترسی аз Худо тарсидан, парҳезгорӣ аз амали нораво ба сабабе.

**ХУДОҲОФИЗӢ** خداحافظی хайру хуш, видоъ, падруд гуфтан.

**ХУДОҶӮ(Й)** خداجو(ی) *ниг.* **худопараст**.

**ХУДОШИНОС** خداشناس он ки худотарсу парҳезгор аст, худопараст, диндор.

**ХУДОШИНОСӢ** خداشناسی худопарастӣ, диндорӣ; худошинос будан.

**ХУДПАРАСТ** خودپرست мутакаббир, худхоҳ, худбин.

**ХУДПАРАСТӢ** خودپرستی худхоҳӣ, худбинӣ, такаббур.

**ХУДПАРАСТОНА** خودپرستانه худбинона, бо ғуруру такаббур.

**ХУДПИСАНД** خودپسند худбин, калонгир, мутакаббир,.

**ХУДПИСАНДӢ** خودپسندی амали худписанд, худхоҳамӣ, такаббур.

**ХУДПИСАНДОНА** خودپسندانه худбинона, бо ғурур ва такаббур нисбат ба бартарии шахсии худ.

**ХУДПУР** خودپر худпуршаванда, милтиқи худпур.

**ХУДРАВ** خودرو худ аз худ раванда, худ аз худ ҳаракаткунанда, мошин, автомобил.

**ХУДРАСТА** خودرسته растание, ки ба сурати ёбоӣ меруяд ва ниёз ба парваришу нигоҳубин надорад, худрӯй, ёвоӣ.

**ХУДРАЪЙ** خودرأی *ниг.***худрой**.

**ХУДРЕЗ** خودریز худхоликунанда; **мошини худрез**.

**ХУДРОЙ//ХУДРАЪЙ** خودرای// خودرأی он ки ҳар корро ба фикри худ карда ба маслиҳати дигарон эътино намекунад; гапнодаро; маслиҳатношунав; худсар, худком, якрав.

**ХУДРӮ(Й)** خودرو(ی) гиёҳе, ки худ аз худ рӯидааст, ёбоӣ.

**ХУДСАР** خودسر худрой, бебок, худком, нофар-

монбардор.

**ХУДСАРӢ** خودسری худрой, сарпечӣ аз қонун, кардани коре ба майли худ.

**ХУДСАРОНА** خودسرانه ба майл ва хоҳиши худ, бе маслиҳату машварат.

**ХУДСИТО** خودستا касе, ки кору кирдори худро таъриф мекунад ва худро аз дигарон беҳтар мешуморад, мағрур ба худ, таърифӣ.

**ХУДСИТОЁНА** خودستایانه ба тарзи худситоӣ, худхоҳона.

**ХУДСИТОӢ** خودستایی худтаърифкунӣ, ғуруру такаббур ба худ, фахркунии беҳуда.

**ХУДСОЗӢ** خودسازی зоҳири худро оростан; дуруст кардани хулқу рафтор, дуруст кардани корҳои худ.

**ХУДСОХТ** خودساخت он чи кас худаш бо дасти худ сохтааст.

**ХУДСӮЗӢ** خودسوزی *ниг.* **худсӯзонӣ**.

**ХУДСӮЗОНӢ** خودسوزانی 1. худро ба оташ сӯзондан. 2. *мач.* худро ба ғаму ғусса ва ранҷи бардавом гирифтор кардан.

**ХУДФАОЪЛИЯТӢ** خودفعالیتی бо ташаббуси шахсии худ кореро анҷом додан.

**ХУДФАЪОЛӢ** خودفعالی ташаббускорӣ, фаъолият нишон додан.

**ХУДФИРЕБДИҲӢ** خودفریبدهی *ниг.* **худфиребӣ**.

**ХУДФИРЕБӢ** خودفریبی худро фиреб додан, ба худ нисбат додани чизе, ки дарвоқеъ вуҷуд надорад, беасос тасаллову таскин додан ба худ.

**ХУДФУРӮЗ** خودفروز *ниг.* **худафрӯз**.

**ХУДФУРӮШ** خودفروش 1. худсито, худпараст, худнамо, мутакаббир. 2. фоҳиша, танфурӯш.

**ХУДФУРӮШӢ** خودفروشی 1. худситоӣ; **худфурӯшӣ кардан** худро таърифу тавсиф кардан, худнамоӣ ва худситоӣ кардан. 2. танфурӯшӣ, фоҳишагӣ.

**ХУДХИЗМАТГУЗОРӢ** خودخدمتگذاری *ниг.* **худхизматрасонӣ**.

**ХУДХИЗМАТРАСОНӢ** خودخدمترسانی хизматеро худ барои хеш ба ҷой овардан.

**ХУДХОҲ** خودخواه худпараст, худбин, мутакаббир.

**ХУДХОҲӢ** خودخواهی худбинӣ, худпарастӣ, такаббур.

**ХУДХОҲОНА** خودخواهانه худбинона, худпарастона, такаббурона.

**ХУДХӮР** خودخور касмадеҳ, *мач.* тамаъкор, хасис; худбин.

**ХУДҲАРАКАТ** خودحرکت *ниг.* **худрав**.

**ХУДЧАРХЗАНӢ** خودچرخ زنی ғайри таҳрики беруна худ чарх задан.

**ХУДШИНОС** خودشناس 1. худхоҳ, худбин. 2. қадру қимати худро шинохтан.

**ХУДШИНОСӢ** خودشناسی 1. қадру қимати худро шинохтан. 2. худбинӣ, худхоҳӣ; **худшиносии миллӣ** худогоҳии миллӣ

**ХУДШОР** خودشار худаш ҷоришаванда, ба таври механикӣ (*аз мошин ё ягон механизм),* шоранда(*об*).

**ХУДЪА** *а.* خدعه фиреб, макр, ҳила.

**ХУК** خوک 1. ҳайвони хонагӣ ва ваҳшии пистондори сергӯшту равған. 2. номи як сол аз даври солшумории дувоздаҳгона бо номи ҳайвонот.

**ХУКБАЧА** خوک بچه бачаи хук, хукча.

**ХУКБОН** خوک بان он ки хук мепояд, хукпарвар.

**ХУКБОНӢ** خوک بانی хукпоӣ, хукпарварӣ.

**ХУКДОРӢ** خوک داری *ниг.* **хукпарварӣ**.

**ХУКӢ** خوکی аз хук, аз гӯшт (равған)-и хук; бадрафтор, бадфеълӣ.

**ХУКПАРВАР** خوک پرور он ки мутасаддии нигоҳубини хук аст, хукбон.

**ХУКПАРВАРӢ** خوک پروری парвариши хук ҳамчун як соҳаи чорводорӣ.

**ХУКПОӢ** خوک پایی ба хукҳо нигоҳубин кардан, хукбон.

**ХУКТИНАТ** خوکطینت бадфеъл, баддил, бадтинат.

**ХУКСИФАТ** خوکصفت бадфеъл, бадрафтор; касиф, хуктинат.

**ХУКХОНА** خوکخانه ҷои парвариши хукҳо, бино барои нигоҳубини хукҳо.

**ХУЛАФО** *а.* خلفا *ҷ.* **халифа**; халифаҳо –

ҷонишинони Муҳаммади пайғамбар (с), ки чор нафар буданд: Абӯбакр, Умар, Усмон ва Алӣ.

**ХУЛД** *а.* خلد 1. бақои доим, ҷовидонӣ. 2. биҳишт, ҷаннат, фирдавс.

**ХУЛЁ** *а.* خليا *кит.* хаёлот, хаёлпарварӣ.

**ХУЛҚ** *а.* خلق хӯй, одат, хислат, сират.

**ХУЛҚАН** *а.* خلقاً аз рӯйи хулқ, хислат; феълан, табиатан.

**ХУЛҚОН** *а.* خلقان 1. *ҷамъ* **халақ**. 2. кӯҳна, фарсуда.

**ХУЛЛАС** *а.* خلص холис, хулоса; **хулласи гап (калом)** хулосаи гап, фишурдаи сухан.

**ХУЛОСА** *а.* خلاصه 1. кӯтоҳшудаи матлабе ё навиштае, мазмуни мухтасари чизе. 2. дар мавриди ҷамъбасти каломе гуфта мешавад: алқисса, кӯтоҳи гап ин ки...; **хулоса баровардан** ҷамъбаст кардан (*матлаберо*), ба ягон натиҷа омадан**; ба хулоса омадан** дар ниҳояти кор ё сухане ба қароре омадан; **хулоса кардан** ҷамъбаст кардан.

**ХУЛОСАВӢ** خلاصوی ҷамъбасткунанда, аз ҷамъбаст ҳосилшуда.

**ХУЛОСАТАН** *а.* خلاصتاً мухтасаран, ҷамъбаст.

**ХУЛУС** *а.* خلوص *кит.* холисӣ, покӣ, беолоишӣ, самимият; **хулуси қалб** покии дил, софии дил.

**ХУЛФ** *а.* خلف вафо накардан ба ваъда, ваъдахилоф.

**ХУМ** خم зарфи сафолини калон барои нигоҳ доштани об ва дигар моеот; [*аслаш* **хунб**].

**ХУМДОН** خمدان коргоҳи сафолпазӣ, кӯраи хиштпазӣ.

**ХУМИСТОН** خمستان *кит.* ҷое, ки хумҳои май гузошта мешавад.

**ХУМКАЛЛА** خم كله каллакалон.

**ХУММОНАНД** خم مانند ба шакли хум, *маҷ.* шикамкалон.

**ХУММОР** خمار *ниг.* **хумор**.

**ХУМО** خما *бот.* зағосаи чилбуғум.

**ХУМОР//ХУММОР** خمار 1. ҳолати баъд аз мастӣ; **чашми хумор** чашми ниммаст, чашми пурноз. 2. майл ва рағбати зиёд ба чизи одатшуда вақти тарки он; **хумор(и)** *чизе* **гирифтан** майл ва рағбат доштан ба чизи одатшуда вақти тарк ё дастрас набудани он.

**ХУМОРГИРИФТА** خمارگرفته *ниг.* **хуморӣ**.

**ХУМОРИН** خمارين хуморӣ, хуморнок; *маҷ.* фаттон.

**ХУМОРӢ** خماری 1. ҳолати хумор. 2. ба ҳолати хумор афтода; одаткарда ба чизе; **хуморӣ шудан** хоҳиши сахт ба истеъмоли чизе (*май, папирос ва ғ.*).

**ХУМОРОЛУД(А)** خمارآلود(ه) хуморзада, шикастагӣ ва кӯфтагии аъзо(*пас аз мастӣ*).

**ХУМОРОНА** خمارانه *ниг.* **хуморин**; **нигоҳҳои мастона** ва **хуморона**.

**ХУМОХИСРАВ** خماخسرو *кит.* яке аз оҳангҳои мусиқии бостонӣ.

**ХУМОҲАН//ХУМОҲОН** خم‌آهن//خم‌آهان санги сахти сиёҳи моил ба сурхӣ, ки дар қадим онро дар тиб ва дар ороиш кор мефармуданд; ақиқ; кони ин маъдан.

**ХУМОРЧАШМ** خمارچشم он ки чашмони сиёҳ дорад.

**ХУМОРШИКАН** خمارشکن он чи ҳолати хуморро дафъ мекунад.

**ХУМОРШИКАНӢ** خمارشکنی дафъи хумор, дур кардани ҳолати хумор.

**ХУМС** *а.* خمس 1. панҷяк, аз панҷ як. 2. панҷяки даромад, ки мувофиқи қонуни шариат одамони бой бояд ба қашшоқон диҳанд; панҷяки ғаниматҳое, ки дар ҷанг ба даст омадааст ва бояд ба одамони камбағали авлоди пайғамбар бирасад.

**ХУМРА** *а.* خمره 1. хумча, хуми хурд. 2. хуми калон, кӯзаи калон; **сари гов дар хумра мондааст** (*зарб*) дар мавридҳое гуфта мешавад, ки кор бисёр ҷигил шудааст ва ҳал кардани он ба мушкилӣ ба даст меояд.

**ХУМСИТОН** خم ستان *ниг.* **хумистон**.

**ХУМУЛ** *а.* خمول 1. гумномӣ, зиллат, пастӣ, беномунишонӣ. 2. *маҷ.* торикӣ, зулмат.

**ХУМХОНА** خمخانه *кит.* майкада, майхона, шаробхона.

**ХУМЧА** خمچه хуми майда.

**ХУМЧОЙНИК** خم چاینک чойники калон.

**ХУН** خون 1. моеи сурхранге, ки дар бадани ҷондорон ҷараён дорад ва ба ҳамаи бофтаҳои бадан ғизо медиҳад; **гардиши хун** ҳаракати хун дар рагҳо. 2. ирқ, нажод; **хун як будан** яъне аз як нажод будан; **бо хуни ҷигар** бо азобу машаққати зиёд; **вайрон шудани хун** фосид шудани хун, вайрон шудани таркиби хун дар бадан; **хун ба хун** қасос аз кушанда ба воситаи куштани он ё яке аз наздиконаш; **бо хуни дил навиштан** чизеро бо андӯҳ, ҳасрат ва аламми зиёде навиштан; **хуни ноф рехтан дар ҷое** зоида шудан дар ҷое; **хун хӯрдан** а) сахтӣ ва азоби зиёд кашидан; б) ғам хӯрдан, сахт дар андӯҳ будан; **хуни ҷигар кардан** касеро ба танг овардан, ба ҷон расондан, безор кардан; **хуни** ҷигар **(дил) хӯрдан** а) азобу машаққат кашидан; б) бисёр ғаму ғусса хӯрдан; **хуни** *касеро* **макидан** дар ҳаққи касе ҷабри беҳад кардан, касеро истисмор кардан.

**ХУНАФШОН** خون افشان хуншор, хунолуд, хунбор.

**ХУНБ** خنب *ниг.* **хум**.

**ХУНБА** خنبه хуми калон аз гил ё чӯб сохташуда, ки дар он ғалла, орд *ва г.* нигоҳ медоранд.

**ХУНБАНД** خون بند *тиб.* он чи ҷараёни хунро нигоҳ медорад.

**ХУНБАҲО** خون بها чиз ё пуле, ки ба ивази хуни одами кушташуда ба ворисони ӯ медиҳанд.

**ХУНБОР** خون بار он чи аз он хун мечакад, хунчакон; **чашми хунбор** чашми сахт гирён, гиряи аламангез.

**ХУНГАРД**خون گرد хунгузарон, шарён: **рагҳои хунгард**.

**ХУНГАРДӢ** خون گردی гардиши (ҷараёни) хун.

**ХУНГАРМ** خون گرم 1. ҷонваре, ки хуни баданаш гарм аст ва бо тағйири дамо ва ҳарорати муҳити атроф дигар нашуда собит мемонад. 2. *маҷ.* одами меҳрубон, бомуҳаббат; серғайрат. 3. зуд хашмгиранда, зуд аз ҳолати эътидол бароянда.

**ХУНГАРМӢ** خونگرمی 1. хунгарм будан. 2. серғайратӣ. 3. бадқаҳрӣ , зуд хашмгиншавӣ.

**ХУНГАШТА** خون گشته хуншуда, хунолуд, бо хун омехташуда.

**ХУНГИРИФТА** خون گرفته 1. он ки аз ӯ хун гирифта бошанд. 2. он ки рехтани хуни дигарон худ ба гардани ӯст; хунолуд, хунин; **вазири хунгирифта** вазире, ки боиси рехтани хуни зиёд шудааст.

**ХУНГИР** خون گیر рагзан, ҳаҷҷом.

**ХУНГИРӢ** خونگیری амали хунгирӣ, рагзанӣ, ҳиҷомат.

**ХУНГУЗАРОН** خونگذران 1. хунгард, гузаронидани хун: **раги хунгузарон**. 2. он ки ба касе хун мегузаронад.

**ХУНГУЗАРОНӢ** خونگذرانی хуни аз ҷиҳати таркиб мувофиқи каси сиҳатро ба одами бемор ё захмдор гузарондан.

**ХУНДОР** خون دار 1. серхун. 2. *маҷ.* пуртароват, пуршира, тару тоза. 3. маҷ. ҷавонмард. 4. маҷ. қотил. 5. ворис ва бозмондаи мақтул.

**ХУНДОРӢ** خون داری хуни касе ба гардани касе будан, хундор будан.

**ХУНЁ** خنیا суруд, нағма, оҳанг.

**ХУНЁГАР** خنیاگر сурудхон, овозхон, хонанда, мутриб.

**ХУНЁГАРӢ** خنیاگری сурудхонӣ, овозхонӣ, мутрибӣ.

**ХУНИМАРДУМХӮР** خونمردمخور золим, ситамгар, бераҳм, он ки дигаронро бераҳмона истисмор мекунад.

**ХУНИН** خونین хунолуд, оғушта ба хун.

**ХУНИНДИЛ** خونین دل *ниг.* **хуниҷигар**.

**ХУНИНҶИГАР** خنینجگر 1. *киноя аз* бисёр андӯҳгин, ғамнок, сахт ғамгин. 2. *киноя аз* ошиқ.

**ХУНИҶИГАР** خونجگر сахт аламзада ва ғамгин.

**ХУНӢ** خونی 1. хунин, хунолуд. 2. *маҷ.* сурх. 3. хунрез, қотил, одамкуш.

**ХУНКАШӢ** خون کشی кашида гирифтани хун аз раг ба воситаи олате; **шохи хункашӣ** шохи ҳаҷҷомат, ки ба воситаи он аз раг хун мекашанд.

**ХУННОҚ** *а.* خناق *ниг.* **хуноқ**.

**ХУНМАК** خون مک хунхӯр, хуношом; *маҷ.* золим, бераҳм, хунрез.

**ХУНМАСТ** خون مست он ки масту мағрур аз хунрезиҳои худ аст.

**ХУНОБ//ХУНОБА** خون آب// خون آبه хуни омехта ба об; *маҷ.* ашки хунин, ашки сахт аз ҳасрату ғам.

**ХУНОҚ** *а.* خناق *тиб.* як навъ бемориест, ки гулӯро мегирад, дифтерия.

**ХУНОЛУД** خون آلود олуда бо хун, доғдор шуда аз хун, омехта бо хун, хунолуда.

**ХУНОЛУДАГӢ** خون آلودگی бо хун олуда будан, доғи хун доштан.

**ХУНОСО** خناثا *ниг.* **хунсо**.

**ХУНОФАР** خون آفر хунҳосилкунанда; **узвҳои хунофар** узвҳои хунзо.

**ХУНОШОМ** خون آشام хунхӯр, хунрез; *маҷ.* бераҳм, сангдил.

**ХУНОШОМӢ** خون آشامی 1. хунхӯрӣ, хунрезӣ. 2. *маҷ.* бераҳмӣ, сангдилӣ.

**ХУНПАРТОӢ** خون پرتایی хун қай кардан, баромадани хун аз роҳи гулӯ.

**ХУНПОЛО(Й)** خون پالا(ی) *кит.* хуношом, хунрез, хунафшон.

**ХУНПОШ** خون پاش хунпошанда, пошандаи хун.

**ХУНРАВ** خون رو :**хунрав шудан** ҷорӣ шудани хун аз бадан (*бемории занона*), ҳайз.

**ХУНРАВӢ** خون روی берун рехтани хун аз ягон узв, резиши хун.

**ХУНРАНГ** خون رنگ сурх, ранги монанд ба хун, хуносо, ба сони хун.

**ХУНРЕЗ** خون ریز касе, ки хуни мардумро мерезад; қотил, *маҷ.* саффок, бераҳм.

**ХУНРЕЗӢ** خون ریزی кушокушӣ, қатлу куштор.

**ХУНСАРД** خون سرد касе, ки асабашро ором нигоҳ дошта метавонад ва зуд хашмгин намешавад, ором.

**ХУНСАРДӢ** خون سردی оромӣ, бурдборӣ, худро дар ҳолати эътидол нигоҳ доштан.

**ХУНСАРДОНА** خون سردانه оромона, ботамкин.

**ХУНСО** *а.* خنثا он ки ё он чи ҳам аломати занӣ ва ҳам аломати мардӣ дошта бошад, наромода.

**ХУНТАВОН** خون توان *ниг.* **хунбаҳо**.

**ХУНТАЛАБ** خون طلب он ки ба хунрезӣ толиб аст ва қурбонӣ металабад (*аз рӯи ақидаҳои хурофии куҳан*), қасосгир.

**ХУНТАЛАБӢ** خون طلبی хоҳишу талаби хунрезӣ ва қурбонӣ доштан; талабгори хун, қасосгирӣ.

**ХУНТАШНА** خون‌تشنه хостори хунрезӣ, он ки хун рехтан мехоҳад, ташнаи хун.

**ХУНУК** خنک 1. сард; *муқоб.* **гарм**. 2. нозеб, дилнокаш; **гапи хунук** гапи нохуш; **нафаси хунук** нафаси шум; **хунук задан** а) офат расидан ба сабаби сармо ба дарахтон ва ба меваи онҳо; б) сармо хӯрдан, осеб дидани бадан аз сармо; **хунук хӯрдан** таъсири сарморо ҳис кардани бадан; **хунук шудан** сард шудани чизи гарм; **хунук шудани дил** *маҷ.* нисбат ба касе бемеҳру беоқибат шудан; **хунукро хунук мебурад** *мақ.* ба бадӣ бадӣ рост меояд.

**ХУНУКАНДОМ** خنک اندام бадафт, безеб; шаклу шамоили зиштдошта.

**ХУНУКБАШАРА** خنک‌بشره он ки симояш дилнокаш аст, нозебо, безеб, бадрӯй.

**ХУНУКЗАДА** خنک‌زده сардзада, сармохӯрда, сармозада, хунукӣ гирифта.

**ХУНУКЗАДАГӢ** خنک‌زدگی сармозадагӣ, сармохӯрдагӣ, сардзадагӣ, хунукзадагӣ.

**ХУНУКӢ** خنکی сармо, сардӣ.

**ХУНУККУНАНДА** خنک کننده сардкунанда: **дастгоҳи хунуккунанда**.

**ХУНУКҚИЁФА** خنک قیافه *ниг.* **хунукбашара**, **безеб**, **бадқиёфа**.

**ХУНУКНАЗАР** خنک‌نظر бемасъулият, мулоимхунук.

**ХУНУКНАЗАРӢ** خنک‌نظری муносибати дилсардона ба коре, бемасъулиятӣ.

**ХУНУКРӮЙ** خنک‌روی *ниг.* **хунукбашара**.

**ХУНУКСИТОРА** خنک‌ستاره он ки шамоилаш ҷаззобу дилкаш нест.

**ХУНУКСУХАН** خنک سخن дағал, баддаҳон.

**ХУНУКТАРҲ** خنک طرح *ниг.* **хунукбашара**.

**ХУНУКХОНА** خنک‌خانه қисми нисбатан хунуктар дар ҳаммомҳои қадима.

**ХУНУКХӮР** خنک خور касе ки сармо ба вай зиёд таъсир мекунад.

**ХУНУКХӮРДА** خنک‌خورده он ки аз таъсири ҳавои сард сахт хунук хӯрдааст, сармохӯрда.

**ХУНУКХӮРӢ** خنک خوری сармохӯрӣ.

**ХУНУКШАКЛ** خنک شکل *ниг.* **хунукбашара**.

**ХУНУКШАМОИЛ** خنک شمایل *ниг.* **хунукбашара**.

**ХУНФИШОН** خون فشان он чи ки аз он хун мечакад; хунрез (*мас., шамшер*).

**ХУНХОР** خون خوار *ниг.* **хунхӯр**; золим, бедодгар.

**ХУНХОРА** خون خواره *ниг.* **хунхор**.

**ХУНХОРӢ** خون خواری *ниг.* **хунхӯрӣ**.

**ХУНХОРОНА** خون خوارانه *ниг.* **хунхӯрона**.

**ХУНХОҲ** خون خواه интиқомҷӯянда; хунталаб (*барои хуни рехташуда*).

**ХУНХОҲӢ** خون خواهی *ниг.* **хунталабӣ**.

**ХУНХӮР** خون خور 1. он ки хун менӯшад. 2. *маҷ.* золим, саффок, хунрез.

**ХУНХӮРӢ** خون خوری хунрезӣ, саффокӣ, бераҳмӣ.

**ХУНХӮРОНА** خون خورانه золимона, бераҳмона.

**ХУНЧАКОН** خون چکان 1. *ниг.* **хунбор**. 2. пурхун.

**ХУНҶӮШ** خون جوش хуншор, узве, ки аз зарбу лат осеб дида, ба андак расидан хуншор мешавад: **хунҷӯш шудан**.

**ХУНҶУШӢ** خون جوشی хуни мурда; доғи кабуд, доғи нофармон.

**ХУНШИНОС** خون شناس *тиб.* касе, ки ба таҳлилу таҷзияи хун машғул аст, гематолог.

**ХУНШИНОСӢ** خون شناسی *тиб.* соҳае, ки хунро таҳлилу таҷзия мекунад, гематология.

**ХУНШОР** خون شار он чи аз он хун мечакад, чакидани хун; **хуншор кардан** хунолуд кардан.

**ХУНШОРӢ** خون شاری хунчакӣ, рехтани хун, шоридани хун, чакидани хун.

**ХУР** خور *ниг.* **хуршед**.

**ХУРД** خرد 1. майда, камҷусса; *муқоб.* **калон, бузург**. 2. хурдсол, кӯдак; **хурду калон** хурдсолу калонсол, ҳама, ҳамагӣ; **хурд-хурд** майда-майда, реза-реза; кам-кам.

**ХУРДА** خرده резаи ҳар чиз, чизи майда.

**ХУРДАБИН** خرده بین борикбин, дақиқ; ҳушманд.

**ХУРДАБИНӢ** خرده بینی борикбинӣ, дақиқ будан, ҳушмандӣ.

**ХУРДАГИР** خورده گیر айбҷӯ, эродгир.

**ХУРДАГИРӢ** خورده گیری айбҷӯӣ, эродгирӣ.

**ХУРДАГИРОНА** خورده گیرانه айбҷӯёна, эродгирона.

**ХУРДАКАК** خوردککک хеле хурд, майда.

**ХУРДАКОР** خورده کار ҳунарманд, касе, ки бо корҳои дастии зариф ва асбоби зинатӣ машғул аст (*мас., заргар*).

**ХУРДАМЛОК** خرد املاک майдамулк, мулк (моликият)-и хурд дошта, заминдори хурд.

**ХУРДАНДЕШ** خرداندیش майдабин, кӯтоҳбин, кӯтоҳфикр.

**ХУРДАНДОЗА** خرداندازه майда, бо андозаи майда, дорои ҳаҷми кам.

**ХУРДАФУРӮШ** خرده فروش фурӯшандаи чизҳои майдачуйда, чаканафурӯш, фурӯшандаи дона.

**ХУРДАФУРӮШӢ** خرده فروشی фурӯхтани чизҳои майдачуйда, чаканафурӯшӣ, фурӯши донаӣ.

**ХУРДӢ** خردی 1. майдагӣ, хурдсолӣ. 2. хурдсол, хурдтар аз дигарон: **духтари хурдӣ, писари хурдӣ**.

**ХУРДКАЛЛА** خردکله он ки каллааш ба нисбати танаш хурдтар аст.

**ХУРДМАНИШ** خردمنش пасттинат, пастҳиммат.

**ХУРДОД** خرداد 1. моҳи сеюми солшумории эронӣ (23 июн – 22 июл). 2. номи яке аз оташкадаҳои қадим.

**ХУРДСОЛ** خردسال камсин(н), майда, кӯдак; *муқоб.* **калонсол**.

**ХУРДСОЛӢ** خردسالی камсолӣ, кӯдакӣ, айёми кӯдакӣ.

**ХУРДҲАҶМ** خردحجم ҳаҷман хурд, он чи ғунҷоиши зиёде надорад.

**ХУРДҶУССА** خردجثه он ки тануманду калонбадан нест; ҷуссааш хурд.

**ХУРЁК** خریاک *лаҳҷ.* як навъ алафи кӯҳӣ, ки мар-

думи кӯҳистон бо он мастоба, угро ва дигар таомҳои обакиро тайёр мекунанд.

**ХУРМА** خرمه зарфи даҳанфарохи гӯшакдори сафолин барои говдӯшӣ.

**ХУРМАЧА** خرمچه хурмаи хурди говдӯшӣ.

**ХУРМО** خرما дарахти мевадор, ки дар мамлакатҳои гармсер мерӯяд.

**ХУРМОЗОР** خرمازار ҷое, ки дарахти хурмо зиёд бошад, нахлистон.

**ХУРМОИМӮЙ** خرمایی‌موی он ки мӯяш қаҳваранг аст.

**ХУРМОИРАНГ** خرمایی‌رنگ ранги сурхи сиёҳтоб, қаҳваранг.

**ХУРМОӢ** خرمایی *ниг.* **хурмоиранг**.

**ХУРНОЙ** خرنای гулӯ, хекиртак.

**ХУРОСОНӢ** خراسانی 1. *мансуб ба* **Хуросон**. 2. сабки шеърӣ.

**ХУРОФӢ** خرافی *ниг.* **хурофотӣ**.

**ХУРОФОТ** خرافات ақида ва фикрҳои пучу беасос, мавҳумот.

**ХУРОФОТӢ** خرافاتی *мансуб ба* **хурофот**.

**ХУРОФОТПАРАСТ** خرافات‌پرست он ки ақидаҳои хурофиро мепарастад.

**ХУРОФОТПАРАСТӢ** خرافات پرستی пайравӣ ва боварӣ ба ақидаҳои мавҳуму хурофӣ.

**ХУРРАК//ХУРРОК** خرک//خراک овоз, ки аз гулӯи фишурдашуда ё аз гулӯи одами хобида ё ҳайвонот (*аз қабили* пишак) мебарояд.

**ХУРРАМ** خرم 1. шод, хурсанд, хандон: **шоду хуррам**, **хушу хуррам**. 2. босафо, хушнамо, дилкаш: **сабзу хуррам**.

**ХУРРАМДИЛ** خرم دل шодмон, фараҳнок.

**ХУРРАМӢ** خرمی шодӣ, хурсандӣ, тароват.

**ХУРРАМОНА** خرمانه шодона, хурсандона, бо фараҳ.

**ХУРРОК** خراک *ниг.* **хуррак**; **хуррок кашидан** дар хоб аз гулӯ хир-хир садо баровардан.

**ХУРРОККАШӢ** خراک کشی хуррак кашидан.

**ХУРРОС** خراس *ниг.* **хуррок; хуррок задан** *ниг.* **хуррок кашидан**.

**ХУРСАНД** خرسند 1. хушнуд, шод. 2. розӣ, қонеъ; **хурсанд кардан** *касеро* дилхуш ва шод гардонидан, розӣ ва мамнун гардонидан; **хурсанд шудан (гардидан)** а) шод гаштан; б) розӣ шудан.

**ХУРСАНДИБАХШ** خرسندی‌بخش шодиовар, хушҳолкунанда.

**ХУРСАНДИОВАР** خرسندی‌آور *ниг.* **хурсандибахш**.

**ХУРСАНДӢ** خرسندی шодмонӣ, хуррамӣ, ризоият; **хурсандӣ кардан** шодӣ ва хурсандӣ изҳор намудан.

**ХУРСАНДКУНАНДА** خرسندکننده хушҳолкунанда, масрургкунанда.

**ХУРСАНДОНА** خرسندانه ба хурсандӣ, шодмон, дар ҳолати хушию хуррамӣ.

**ХУРУҶ** خروج 1. берунравӣ, берун шудан; *муқоб.* **духул**. 2. исён карда баромадан, саркашӣ кардан, шӯриш, исён, қиём.

**ХУРӮС** خروس мурғи нари хонагӣ; ◊ **хурӯс чағ задан** дамидани субҳ наздик шудан, субҳ дамидан; **хурӯс дар ҳама ҷо баробар чағ мезанад** вазъият дар ҳама ҷо як хел аст.

**ХУРӮСАК** خروسک *тиб.* касалии гузарандае, ки бештар кӯдакон ба он мубтало мешаванд; касалро маврид ба маврид сулфаи сахт мегирад ва садои мисли хурӯс аз гулӯи вай мебарояд; сулфаи кабудак.

**ХУРӮСБОЗ** خروس‌باز он ки хурӯсҳои ҷангиро парво карда бо ҳам меҷангонад.

**ХУРӮСБОЗӢ** خروس‌بازی ҷанг андохтани хурӯсҳо бо якдигар.

**ХУРӮСБОНГ** خروس بانگ ҳангоми бонг задани хурӯс,сапедаи саҳарӣ.

**ХУРӮСВОР** خروس‌وار 1. монанди хурӯс, чун хурӯс. 2. *маҷ.* калонгир, ҷангара.

**ХУРӮСӢ** خروسی *маҷ.* калонгирӣ, ҷангарагӣ.

**ХУРӮСЧӮҶА** خروس چوجه чӯҷаи нарина.

**ХУРӮСҶАНГ** خروس‌جنگ навъе бозӣ, ки маъмулан хурӯсҳои ҷангӣ ва ваҳширо ба таври мусобиқа ҷанг меандозанд.

**ХУРӮШ** خروش 1. бонг, фарёд, бонгзанӣ. 2. шӯр, ғавғо; **ба хурӯш овардан** ба шӯру ғалаён овардан; **ба (дар) хурӯш омадан** шӯридан, ба шӯр

омада бонг задан.

**ХУРӮШИДАН** خروشیدن бонг задан, шӯридан.

**ХУРӮШОН** خروشان фарёдкунон, наъразанон; пуршӯру ғулғула, бо ҷӯшу хурӯш.

**ХУРӮҶ** *а.* خروج *ниг.* **хуруҷ**.

**ХУР-ХУР** خرخر хуррок, садои хуррок.

**ХУРФА** خرفه як навъ гиёҳи худрӯй, ки тухми он дар тиб ба кор меравад.

**ХУРШЕД** خورشید офтоб, меҳр, шамс.

**ХУРШЕДВАШ** خورشیدوش ба мисли офтоб, тобону дурахшон; зебо, хушрӯй, рӯи монанди офтоб.

**ХУРШЕДВОР** خورشیدوار чун офтоб, тобон, дурахшон, файзовор.

**ХУРШЕДӢ** خورشیدی офтобӣ; **солшумории хуршедӣ** ҳисоби сол аз рӯи офтоб.

**ХУРШЕДНАМО** خورشیدنما *кит.* рахшон, тобон, дурахшон, монанди офтоб.

**ХУРШЕДПАРАСТ** خورشیدپرست 1. офтобпараст; оташпараст. 2. *маҷ.* ошиқ.

**ХУРШЕДРӮЙ** خورشیدروی хушрӯй, зебо.

**ХУРШЕДСАВОР** خورشیدسوار 1. он ки субҳи барвақт аз хоб мехезад, саҳархез. 2. *маҷ.* одами баландмартаба.

**ХУРШЕДСИМО** خورشیدسیما хушрӯй, зебо.

**ХУРШЕДТАЛЪАТ** خورشیدطلعت *ниг.* **хуршедсимо**.

**ХУРШЕДТОБ** خورشیدتاب он чи ё он ки монанди хуршед тобону дурахшон бошад.

**ХУРШЕДФОМ** خرشیدفام хуршедранг, хуршедгун; **лаъли хуршедфом** *киноя аз* шароб.

**ХУРШЕДҲУШ** خورشیدهوش ҳушёр, бедор, бедорфикр.

**ХУСБИДАН** خسبیدن *ниг.* **хуспидан**.

**ХУСПИДАН** خسپیدن хобидан, хоб рафтан, хуфтан.

**ХУСРАВ** خسرو 1. шоҳ, подшоҳ, шоҳона. 2. *мус.* яке аз оҳангҳои қадим.

**ХУСРАВӢ** I خسرو *ниг.* **хисравӣ** I.

**ХУСРАВӢ** II خسرو *ниг.* **хисравӣ** II.

**ХУСРАВОНА** خسروانه шоҳона, мӯҳташамона.

**ХУСРАВОНӢ** خسروان 1. лоиқи подшоҳ, шоҳона. 2. *мус.* яке аз оҳангҳои қадим.

**ХУСУМАТ** *а.* خصومت адоват, душманӣ.

**ХУСУМАТГАРӢ** خصومت‌گری адоватгарӣ, душмангарӣ.

**ХУСУМАТОМЕЗ** خصومت‌آمیز адоватомез, душманомез.

**ХУСУР** خسر падаршавҳар, падарарӯс.

**ХУСУС** *а.* خصوص бобат, ҷиҳат, бора; **аз (дар) хусуси**... дар бораи..., дар ҳаққи..., оид ба...; **аз (дар) ҳар хусус** дар ҳар бобат..., дар ҳар бора, аз ҳар ҷиҳат.

**ХУСУСАН** *а.* خصوصاً хоса, махсусан, алалхусус.

**ХУСУСИГАРДОНӢ** خصوصی‌گردانی аз худ кардан, шахсигардонӣ.

**ХУСУСИШУДА** خصوصی شده аз худ шуда, шахсӣ гардида.

**ХУСУСИЯТ** *а.* خصوصیت ҷиҳати хоси чизе, сифати махсуси чизе.

**ХУСУСӢ** خصوصی 1. хос, хосси касе, чизе. 2. шахсӣ, *мансуб ба* **як кас** (*ғайри ҷамъиятӣ*); **моликияти хусусӣ** моликияти шахсӣ (*моликияти ғайридавлатӣ ва ғайриҷамъиятӣ*).

**ХУСУФ** *а.* خسوف гирифтани моҳ, байни моҳ ва офтоб қарор гирифтани замин.

**ХУТАБО** *а.* خطبا *ҷ.* **хатиб**.

**ХУТБА** *а.* خطبه *д.* мавъизае, ки дар намози ҷумъа ва дар идҳо хонда мешавад; умуман, ваъз, мавъиза. 2. муқаддима, сарғози китобҳо, ки дар ҳамду наът баён меёбад; **хутба хондан** ваъз кардан; **хутба ба номи** *касе* **хондан** дар хутбаҳо зикр кардани номи подшоҳе (*бо баромадани ҳар як подшоҳи нав ба тахт хутба бо номи он хонда мешуд*).

**ХУФА** خوفه *лаҳҷ.* сулфа; **хуфа кардан (задан)** сулфа кардан.

**ХУФИЯ** *а.* خوفیه пинҳонӣ, махфӣ будан: **ба хуфия**; **дар хуфия** ба таври пинҳонӣ.

**ХУФИЯГӢ** خوفیگی ба таври пинҳонӣ, махфигӣ.

**ХУФИЯТ** *а.* خوفیت *ниг.* **хуфя(т)**.

**ХУФИЯТАН** *а.* خوفیتاً *ниг.* **хуфиягӣ**.

**хуфт** خفت *асоси замони гузашта аз* **хуфтан**.

**ХУФТ** خفت хоб; **хуфту хоб** хобидан, хоб кардан; **хуфту хоб кардан дар ҷое** хобидан, истиқомат кардан.

**ХУФТА** خفته хобида, ба хоб рафта, хобкарда.

**ХУФТААРКОН** خفته‌ارکان *кит.* беҳаракат, ноҷунбон, карахт.

**ХУФТАГӢ** خفتگی хоб будан, хобида.

**ХУФТАН** خفتن 1. хобидан, хоб кардан, хоб рафтан. 2. посе аз шаб, баъд аз якуним соати фурӯ рафтани офтоб.

**ХУФТИДАН** خفتیدن *ниг.* **хуфтан**.

**ХУФТУХЕЗ** خفت و خیز 1. сӯҳбат, муоширaт; наздикӣ бо зан, ҷимоъ. 2. *маҷ.* ҳаяҷон, беқарорӣ, изтироб. 3. *маҷ.* оҳистагӣ, тадриҷ.

**ХУФТУХОБ** خفت و خواب *ниг.* **хуфтухез**.

**ХУФЯ(Т)** *а.* خفیه//خفیة *кит.* 1. пинҳон, пӯшида; пинҳонӣ, махфӣ. 2. агенти политсияи махфӣ; **ба таври хуфя** пинҳонӣ, пӯшида.

**ХУЧ I** خوچ 1. гӯштпораи сурхе, ки ба сари хурӯс аст, тоҷи хурӯс. 2. порчаи сурхе, ки ба сари найзаҳо мехалондаанд.

**ХУЧ II** خوچ *бот.* настаран, насрин.

**ХУЧДОР** خوچدار *бот.* гули шоҳписанд, чашми гунҷишк.

**ХУҶАСТА//ХУҶИСТА** خجسته 1. нек, хуб, хуш. 2. муборак, хушшавгун, некӯибовар.

**ХУҶАСТААХТАР** خجسته اختر хушахтар, хуштолеъ.

**ХУҶАСТАЛИҚО** خجسته لقا муборакчеҳра, хубрӯй, хушрӯй, зеборӯй.

**ХУҶАСТАНОМ** خجسته نام некном, номдор; шӯҳратманд, номвар.

**ХУҶАСТАПАЙ** خجسته پی он ки пайи қадами нек дорад, муборакқадам, хуҷастафол.

**ХУҶАСТАТОЛЕЪ** خجسته طالع *ниг.* **хуҷастаахтар**.

**ХУҶАСТАФАРҶОМ** خجسته فرجام некфарҷом, хубанҷом.

**ХУҶИСТА** خجسته *ниг.* **хуҷаста**.

**ХУШ** خوش 1. хуб, нек, некӯ, зебо; дилкаш, ширин, форам. 2. шод, хурсанд, хушвақт, хуррам; **забони хуш** забони ширин ва форам; **овози хуш** овози форам; **рӯи хуш додан ба** *касе* муомилаи хуб кардан, меҳрубонӣ изҳор намудан; **хуш кардан** а) писандидан, маъқул кардан; б) интихоб кардан, баргузидан; хуш омадан (-и чизе ба касе) маъқул шудан, писандида шудан.

**ХУШАДО** خوش‌ادا 1. хубрафтор, некукирдор, хушфеъл. 2. касе ки тарзи баён ва ифодаи дилписанд дорад.

**ХУШАДОӢ** خوش ادایی 1. дорои нозу ғамзаи дилнишин будан, хушрафторӣ; некӯкирдорӣ, хушфеълӣ. 2. хушовозӣ, хушсадо.

**ХУШАНДОМ** خوش اندام он ки қомати мутаносиб дорад, сарвқомат, сарвқомат, сарвқад.

**ХУШАНДОМӢ** خوش‌اندامی қадду қомати мутаносиб доштан, ҷуссаи зебо доштан, мавзунӣ.

**ХУШАТВОР** خوش اطوار хушрафтор, хушкирдор, малеҳ, хушфеъл.

**ХУШАТВОРӢ** خوش‌اطواری хушрафторӣ, хушкирдорӣ; хушандомӣ, малеҳӣ, хушфеълӣ.

**ХУШАХЛОҚ** خوش‌اخلاق он ки хулқ, рафтори нек ва писандида дорад.

**ХУШАХЛОҚӢ** خوش‌اخلاقی некӯхӯӣ, дорои ахлоқи писандида.

**ХУШАХТАР** خوش‌اختر *ниг.* **хуҷастаахтар**.

**ХУШАХТАРӢ** خوش‌اختری хуштолеӣ, хушбахтӣ; иқболи хуб доштан.

**ХУШБАЁН** خوش‌بیان он ки тарзи баёни хубу дилкаш дорад; хушгап, хушсухан.

**ХУШБАЁНӢ** خوش‌بیانی хушсуханӣ, хушгапӣ; хушовозӣ.

**ХУШБАСТ** خوش‌بست хушандом, хушқаду қомат, хуштарҳ.

**ХУШБАХТ** خوش‌بخت некбахт, саодатманд; **хушбахт кардан** *касеро* боиси хушбахтии касе шудан, ба воситае касеро шоду саодатманд кардан.

**ХУШБАХТӢ** خوش‌بختی некбахтӣ, саодатмандӣ, нектолеӣ, хушиқболӣ.

**ХУШБАХТОНА** خوش بختانه боиси хушбахтӣ аст, ки..., бо хушбахтӣ.

**ХУШБАҲР** خوش‌بهر дилкушо, фараҳбахш.

**ХУШБИН** خوش‌بین он ки ба корҳо ва рӯйдодҳо бо назари нек менигарад, оптимист; *муқоб.* **бадбин**.

**ХУШБИНӢ** خوش بینی *ниг.* **некбинӣ**.

**ХУШБИНОНА** خوش‌بینانه некбинона, некназарона; *муқоб.* **бадбинона**.

**ХУШБОВАР** خوش‌باور он ки ба гапи касон зуд ва бечуну чаро бовар мекунад, зудбовар.

**ХУШБОД** خوش باد хушбоду ҳаво, ҷое, ки иқлими хубу форам дорад.

**ХУШБОДУҲАВО** خوش‌بادوهوا дорои иқлими хушоянд (*оид ба* ҷой, мавзеъ).

**ХУШБОР** خوش بار форам, гуворо, ширин; **лаълии хушбор** лаълии пур аз чизҳои фораму ширин.

**ХУШБОФТ** خوش بافت нағз, бо сифати хуб бофташуда.

**ХУШБОШ** خوش باش хушҳол, шод, бепарво.

**ХУШБОШӢ** خوش باشی видоъ; "Роҳатон бехатар бод" гуфтан ба одами сафарӣ; **хушбошӣ кардан** видоъ кардан, орзуҳои нек баён намудан.

**ХУШБӮГУЛАК** خوش بوگلک як навъ гули даштӣ.

**ХУШБӮЙ** خوش بویی 1. бӯи хуб доштан. 2. атриёт.

**ХУШБӮ(Й)** خوش بو(ی) муаттар, дорои бӯи хушу форам.

**ХУШВАҚТ** خوش وقت шод, хурсанд, хушҳол; **хушвақт бош!**.

**ХУШВАҚТӢ** خوش‌وقتی шодӣ, хурсандӣ, шодмонӣ.

**ХУШГАП** خوش‌گپ ширинсухан, хушчақчақ, некӯгуфтор, сергап.

**ХУШГАПӢ** خوش گپی 1. хушсуханӣ; *маҷ.* меҳрубонӣ. 2. сергапӣ.

**ХУШГИЛ** خوش گل зебо, хубчеҳр, хушрӯй.

**ХУШГИЛӢ** خوش‌گلی зебоӣ, хубчеҳра будан, хушрӯӣ.

**ХУШГУВОР** خوش گوار ғизое, ки зуд ва осон ҳазм мешавад; лазиз, хушмаза, форам.

**ХУШГУВОРӢ** خوش‌گواری лазизӣ, хушмазагӣ, форам будан.

**ХУШГУЗАРОНӢ** خوش‌گذرانی бо хоҳишу хушӣ гузаронидани зиндагӣ, вақт.

**ХУШГУФТОР** خوش گفتار *ниг.* **хушгап**.

**ХУШГУФТОРӢ** خوش گفتاری *ниг.* **хушгапӣ**.

**ХУШГӮ(Й)** خوش گو(ی) хушгуфтор, ширинбаён.

**ХУШДАРОМАД** خوش درامد сердаромад, он чи даромади зиёд дорад.

**ХУШДИЛ** خوش‌دل шодмон, хурсанд, масрур.

**ХУШДИЛӢ** خوش‌دلی шодӣ, шодмонӣ, фароғи хотир, хурсандӣ.

**ХУШДИМОҒӢ** خوش‌دماغی хушҳолӣ, димоғчоқӣ, вақти чоқ доштан.

**ХУШДОМАН** خوش دامن модарзан; модаршавҳар, зан нисбат ба мард.

**ХУШДОР** خوش دار ошиқ; **хушдор шудан ба** *касе* нағз дидан, ошиқ шудан, касеро дӯст доштан.

**ХУШДӮХТ** خوش‌دوخت нағз ва шинам дӯхташуда (*либос*).

**ХУШЗАБОН** خوش زبان хушгап, ширинсухан.

**ХУШЗАБОНӢ** خوش‌زبانی гуфтори хушу писандида ва дилкаш.

**ХУШЗАВҚ** خوش ذوق соҳиби завқ ва салиқаи хуб, соҳиби қувваи дарки фасоҳат ва баён (*дар ҳаққи шоир*).

**ХУШЗАВҚӢ** خوش ذوقی доштани завқу салиқаи хуб, соҳиби эҳсосу дарки фасоҳат ва баён будан.

**ХУШЗЕБ** خوش‌زیب шинам, зебанда, зебо (*оид ба* либос).

**ХУШЗЕҲН** خوش‌ذهن бозаковат, тезфаҳм, зудрас ба асл ва маънии чизе.

**ХУШЗЕҲНӢ** خوش‌ذهنی заковат, тезфаҳмӣ, зудрасӣ ба маънии чизе.

**ХУШЗОТ** خوش ذات он ки ва он чи аз зоти хубу асил рӯидааст; **аспи хушзот** аспи зотӣ.

**ХУШЗОТӢ** خوش ذاتی аз нажоду асли хуб будан.

**ХУШЗОТКУНӢ** خوش‌ذات‌کنی зоташро беҳтар гардонидан, хушзот кардан (*мас., чорвои хонагиро*).

**ХУШИБОРА** خوش عباره фасеҳ, осон, равон.

**ХУШИҚБОЛ** خوش‌اقبال толеъбаланд, хушбахт, саодатманд.

**ХУШИЛҲОН** خوش الحان хушовоз, он ки овози хубу дилкаш дорад; **мурғи хушилҳон** мурғи хушовоз.

**ХУШИСТЕЪДОД** خوش‌استعداد дорои истеъдоди баланд.

**ХУШИФОДА** خوش افاده дорои тарзи баёни хуб.

**ХУШИҶОРА** خوش اجاره он чи иҷорааш зиёд ва бозоргир аст.

**ХУШӢ** خوشی 1. некӣ, хубӣ. 2.шодӣ, хурсандӣ, хушнудӣ; **хушӣ ба хушӣ** бо майлу рағбат, бо хост ва хоҳиши худ.

**ХУШК** خشک 1.чизе ки об ва намӣ надорад, беоб; *муқоб.* **тар**. 2. хушкида, пажмурдашуда аз беобӣ; **дарахти хушк**, **алафи хушк**. 3. беобу алаф, бедолу дарахт; **биёбони хушк**. 4. хушконидашуда, қоқ: **меваи хушк**, **себи хушк**. 5. бебориш; **сол хушк омад**. 6. беасос, беисбот; **тӯҳмати хушк; гапи хушк**; **ваъдаи хушку холӣ** ваъдаи пуч ва ҳавоӣ; **хушк кардан** бо гармии офтоб ё оташ намии чизеро аз байн бурдан, хушкондан; **хушк мондан** бебаҳра мондан, бенасиб шудан; **(бо) дасти хушк омадан** а) бо худ чизе наовардан; б) барои чизе ба ҷое рафта онро наёфта омадан; **хушк шудан** а) аз ҳолати тарӣ баромадан, қоқ шудан; б) пажмурдан, афсурда шудан, аз беобӣ сӯхтан (гиёҳ); в) қатъ гардидан (*об дар ҷӯй, қатъ шудани шир дар пистон*); **хушку холӣ** бе одам, бе долу дарахт, бе чиз; **хушку тар** а) беобу обдор; б) *маҷ.* бефарқ, ҳамагӣ.

**ХУШКА** خشکه 1. параха, пешдаргирон. 2. навдаҳои хушкшудаи дарахт.

**ХУШКАНДОМ** خشکاندام хароб, лоғар, камгӯшт, қоқина.

**ХУШКАНОР** خوش‌کنار *киноя аз* **маҳбуба**.

**ХУШКАЛОМ** خوش‌کلام хушгап, хушгуфтор, некӯмуомила.

**ХУШКАЛОМӢ** خوش کلامی хушгапӣ, хушгуфторӣ, хушмуомилагӣ.

**ХУШКАШӮӢ** خشکه شویی бо буғ ва моводи химиявӣ шустани либос.

**ХУШКБАДАН** خشک بدن қоқина, лоғарандом, камгӯшт; *муқоб.* **фарбеҳ**.

**ХУШКБАНД** خشک بند хушк бастан; бастан ва табобати захме бе марҳаму давоҳои табобатӣ.

**ХУШКБОРГИР** خشک بارگیر бори хушкгиранда; **киштии хушкборгир** киштии бораш хушк.

**ХУШКДАСТ** خشک دست бо дасти холӣ, бе чизу чора; **хушкдаст баргаштан** ба ҷое аз пайи чизе рафта дастхолӣ баргаштан.

**ХУШКИГАРД** خشکی گرد он чи дар хушкӣ,- дар рӯи замин амал мекунад (*артиш*): **нерӯҳои хушкигард**.

**ХУШКИДА** خشکیده хушкшуда, беоб монда; қоқ, афсурда, пажмурда (*гиёҳ, мева*) : **гиёҳҳои хушкида**, **ҷӯи хушкида**.

**ХУШКИДАН** خشکیدن хушк шудан, беоб мондан, афсурдан ва пажмурдан, қоқ шудан (*мас., лаб*).

**ХУШКИТОБОВАР** خشکی‌تاب‌آور гиёҳ ва киштҳое, ки дар хушксолӣ ба беобӣ тобоваранд ё умуман дар ҷойҳои камоб нашвунамо меёбанд.

**ХУШКИТОБОВАРӢ** خشکی‌تاب‌آوری ба хушкӣ, беобӣ тоб овардан.

**ХУШКИТФ** خش کتف хушкитфу бозу, хушандом, хушқиёфа, мутаносибандом.

**ХУШКӢ** خشکی 1. хушк будан; *муқоб.* **тарӣ**. 2. барр; *муқоб.* **баҳр**.

**ХУШККОМ** خشک‌کام ташна, лабташна.

**ХУШККУНАК** خشک‌کنک абзори хушксозии пахта ва дигар зироатҳои кишоварзӣ.

**ХУШКЛАБ** خشک لب лабташна; **хушклаб рафтан** чизе нахӯрда, чизе начашида рафтан аз ҷое.

**ХУШКМАҒЗ** خشک‌مغز *киноя аз* аҳмақ, аблаҳ; девона.

**ХУШКМОНДА** خشک‌مانده :**замини хушкмонда** замини нокорам, замини киштнашуда.

**ХУШКОМӢ** خوش کامی хушбахтӣ, некбахтӣ; шодмонӣ, хурсандӣ.

**ХУШКОН(И)ДАН** خشکاندن//خشکانیدن хушк гардонидан, ҳолати тарии чизеро гирифтан.

**ХУШКОНҶ** خشک‌آنج *кит.* хушкандом, лоғар, хароб, камгӯшт.

**ХУШКОР//ХУШКОРД** خوش‌کار//خوش‌کارد *кит.* орди нобехта, орде, ки сабӯсаш ногирифта бошад.

**ХУШКПАҲЛУ** خشک‌پهلو шахси бесамар, он ки аз ӯ фоидае нест, одами бехайр.

**ХУШКПОЙ** خشک‌پای бехосият, бепою қадам.

**ХУШКРӮД** خشک‌رود рӯд ва ҷӯи хушкида, ки дар он дер боз об ҷорӣ нест, маҷрои хушкмонда.

**ХУШКСАР** خشک‌سر *ниг.* **хушкмағз**.

**ХУШКСОЛ** خشک‌سال соли бебориш, соли камнам, беҳосил, соли қаҳтӣ.

**ХУШКСОЛӢ** خشک‌سالی беборишӣ, кам ё ҳеҷ на-

боридани боронҳо, ки боиси нобудии зироат мешавад.

**ХУШКСОР** خشکسار ҷое, ки борон намеборад, минтақаи бебориш.

**ХУШКТИНАТ** خشکطینت бадсиришт, хушксиришт, шахсе, ки ниҳодаш паст аст, хушкниҳод.

**ХУШКТИНАТӢ** خشکطینتی бадсириштӣ, хушкниҳодӣ.

**ХУШКШУДА** خشک شده хушк, қоқ, пажмурда, бенамшуда.

**ХУШҚАВЛ** خوش قول ростқавл, ростгӯ, пухтакор, дақиқ.

**ХУШҚАД** خوش قد он ки соҳиби қомати зебост: **хушқаду баст**, **хушқаду қомат**.

**ХУШҚАДАМ** خوش قدم некпай, он ки пайи қадамаш аст (*эътиқоди хурофӣ*).

**ХУШҚАЛАМ** خوش قلم 1. касе, ки иншои хуб дорад, дорои ҳусни навиштор аст. 2. *ниг.* **хушхат**.

**ХУШҚАЛАМӢ** خشقلمی 1. иншои хуб доштан, ҳусни навишт доштан. 2. *ниг.* **хушхатӣ**.

**ХУШҚАРИҲА** خوش قریحه соҳиби завқ ва истеъдод, хуштабъ, хушидрок (*дар шеъргӯӣ ва китобат*); **муншиҳои хушқариҳа** котибони суханоро.

**ХУШҚИЁФА** خوش قیافه *ниг.* **хушқад**.

**ХУШҚОМАТ** خوش قامت *ниг.* **хушқад**.

**ХУШЛАҲН** خوش لحن *ниг.* **хушовоз**.

**ХУШЛАҲҶА** خوش لهجه 1. хушсухан, хушгӯ. 2. *ниг.* **хушзабон**.

**ХУШЛИБОС** خوش لباس он ки либосҳои нағз мепӯшад, он ки бо завқ либос мепӯшад, он ки либоси шинами базеб дорад.

**ХУШЛИҚО** خوش لقا *ниг.* **хушрӯ(й)**.

**ХУШМАЗА** خوش مزه он чи таъми форам ва гуворо дорад, болаззат.

**ХУШМАЗАГӢ** خوش مزگی *ниг.* **хуштаъмӣ**.

**ХУШМАЗМУН** خوش مضمون дорои мазмуни хубу дилписанд.

**ХУШМАИШАТ** خوشمعیشت маишати хуб, маишатпараст.

**ХУШМАҚОЛ** خوش مقال *ниг.* **хушгап**.

**ХУШМАҚОЛӢ** خوش مقالی хушгӯйӣ, хушгапӣ.

**ХУШМАНЗАР** خوش منظر хушнамуд, базеб, мутаносиб, хубрӯй, некӯчеҳра.

**ХУШМАНЗАР(А)** خوش منظر(ه) хушнамуд, базеб.

**ХУШМАНЗАРӢ** خوش منظری хушнамудӣ, базебӣ, хубрӯӣ, некӯчеҳраӣ, некманзарӣ.

**ХУШМАНИШ** خوشمنش *кит.* некниҳод, хуштабиат, хушфикр, хушниҳод.

**ХУШМАНИШӢ** خوشمنشی *кит.* некниҳодӣ, хуштабиатӣ, хушниҳодӣ.

**ХУШМАОШ** خوشمعاش *кит.* он ки аз лаззатҳои дунё баҳравар аст, хушгузарон.

**ХУШМАҲЗАР** خوشمحضر меҳрубон, хушмуомила; одамдӯст.

**ХУШМАШОМ** خوشمشام хуштабъ, хушзавқ.

**ХУШМИЗОҶ** خوشمزاج софдил, нармдил, ҳалим.

**ХУШМУОМИЛА** خوشمعامله хушрафтор, хушхулқ, боодоб, тарбиятдида.

**ХУШМУОМИЛАГӢ** خوش معاملگی хушрафторӣ, некӯхислатӣ, меҳрубонӣ.

**ХУШМУОШИРАТ** خوشمعاشرت *ниг.* **хушмуомила**.

**ХУШМУОШИРАТӢ** خوشمعاشرتی *ниг.* **хушмуомилагӣ**.

**ХУШМӮЙЛАБ** خوشمویلب он ки мӯйлаби зебову зебанда дорад.

**ХУШНАВИС** خوشنویس *ниг.* **хушхат**: **котиби хушнавис**.

**ХУШНАВИСӢ** خوشنویسی хушхатӣ, дорои хати хуб; *муқоб.* **бадхат**.

**ХУШНАВО** خوش نوا хушовоз, хушхон, соҳиби овози форамu дилкаш: **булбули хушнаво**.

**ХУШНАВОЗ** خوشنواز касе, ки хуб менавозад, навозандаи моҳир, созандаи хуб.

**ХУШНАВОӢ** خوشنوایی хушовозӣ, хушсадоӣ, хушоҳангӣ.

**ХУШНАЗАР** خوشنظر некбин.

**ХУШНАҚШ** خوش نقش он чи нақшу нигори зебову дилкаш дорад.

**ХУШНАМАК** خوشنمک мувофиқ, мӯътадил, ба қадри даркорӣ намак карда (*оид ба* маҳсулоти хӯрокворӣ).

**ХУШНАМО** خوش نما он ки ё он чи зоҳири зебову дилнишин дорад, хушнамуд, хушманзар.

**ХУШНАМОЙ** خوش نمایی хушнамудӣ, зебоӣ.

**ХУШНАМУД** خوش نمود *ниг.* **хушманзара**.

**ХУШНАМУН** خوش نمون *ниг.* **хушнамуд**.

**ХУШНАСЛ** خوش نسل *ниг.* **хушзот**.

**ХУШНИГОҲ** خوش نگاه зебочашм.

**ХУШНИҲОД** خوش نهاد *ниг.* **хуштинат**.

**ХУШНИЯТ** خوش نیت некандеш, хайрхоҳ, хайрандеш.

**ХУШНОМ** خوش نام некном, обрӯманд.

**ХУШНОМӢ** خوش نامی некномӣ, обрӯмандӣ.

**ХУШНУД** خوشنود шод, шодмон, хурсанд; мамнун, розӣ: **хушнуд гаштан**.

**ХУШНУДӢ** خوشنودی шодӣ, хурсандӣ, мамнуният.

**ХУШНУДОНА** خوشنودانه бо хушнудӣ, бо хурсандӣ, шодмон.

**ХУШО** خوشا чи хуш!, чи қадар хуб! (*дар мавриди таҳсин гуфта мешавад*).

**ХУШОБ** خوشآب обдор, ҷилодор (*дар бораи сангҳои пурбаҳо*): **дурри хушоб; лаъли хушоб**.

**ХУШОБУНАМАК** خوشآب و نمک *ниг.* **хушнамак**.

**ХУШОБУРАНГ** خوشآب و رنگ зебо, хушнамуд, хушсурат.

**ХУШОБУҲАВО** خوشآب وهوا ҷое, ки иқлими фораму дилнишин дорад, хушбахр.

**ХУШОВО** خوشآوا *ниг.* **хушовоз**.

**ХУШОВОЗ** خوشآواز он ки садои дилнишин дорад, хушхон: **ҳофизи хушовоз**.

**ХУШОВОЗӢ** خوش آوازی хушлаҳнӣ, хушхонӣ.

**ХУШОДОБ** خوشآداب дорои ахлоқи неки писандида.

**ХУШОДОБӢ** خوش آدابی боодобӣ, одоби писандида, ахлоқӣ.

**ХУШОМАД** خوشآمد 1. табрик, таҳният. 2. чоплусӣ, тамаллуқ, лаганбардорӣ; **хушомад гуфтан (кардан, гуфтан)** чоплусӣ ва тамаллуқ кардан ба касе.

**ХУШОМАДГӮ(Й)** خوشآمدگو(ی) чоплус, лаганбардор.

**ХУШОМАДГӮЁНА** خوشآمدگویانه аз рӯи чоплусӣ ва тамаллуқу лаганбардорӣ.

**ХУШОМАДГӮӢ** خوشآمدگویی чоплусӣ, тамаллуқ.

**ХУШОМАДОМЕЗ** خوشآمدآمیز тамаллуқомез, хушомадгӯёна, чоплусона, лаганбардорона.

**ХУШОҲАНГ** خوش آهنگ *ниг.* **хушнаво**.

**ХУШОҲАНГӢ** خوش آهنگی доро будан ба садо ва оҳанги хубу дилкаш.

**ХУШОЯНД** خوشآیند мақбул, дилпазир, писандида.

**ХУШПАЗИРӢ** خوشپذیری меҳрубонӣ, навозиш, илтифот, меҳмоннавозӣ.

**ХУШПАРВОЗ** خوش پرواز мурғе, ки парвози зебо дорад.

**ХУШПОИҚАДАМ** خوشپایقدم хушшавгун, бахосият, он ки омаданаш хуҷиставу муборак ва некӯиовар аст.

**ХУШПУЛ** خوش پول серпул, пулдор.

**ХУШПУЛӢ** خوشپولی серпулӣ, пулдорӣ; карру фари пулбозӣ.

**ХУШПӮШОК** خوشپوشاک он ки либосҳои зебову зебанда пӯшидааст.

**ХУШРАВИШ** خوشروش хушрафтор, хуб саворӣ кардашуда (*оид ба* асп).

**ХУШРАНГ** خوش رنگ он чи ранги хубу дилкаш дорад; **хушрангу бӯй** пуртароват, тару тоза (*гул*).

**ХУШРАНГӢ** خوشرنگی ранги зебо доштан, ҷилонокӣ, дурахшонӣ.

**ХУШРАФТОР** خوش رفتار он ки рафтори зебо ва мавзун дорад, хушхиром.

**ХУШРАФТОРӢ** خوشرفتاری рафтори зебову мавзун доштан, хушхиромӣ.

**ХУШРЕХТ** خوشریخت неккиёфа, хушандом; хушсохт, он чи сохту намуди зебо ва дилкаш дорад.

**ХУШРОҲ** خوش راه хушрафтор (*асп*).

**ХУШРӮ(Й)** خوشرو(ی) зебо, хубчеҳр, соҳибҷамол.

**ХУШРӮЗӢ** خوشروزی некрӯзӣ, хушвақтӣ, хушбахтӣ.

**ХУШРӮӢ** خوش رویی зебоӣ, ҳусн.

**ХУШРӮЙБОЗ** خوش‌روی‌باز он ки зеборӯёнро дӯст медорад.

**ХУШСАВОД** خوش‌سواد босавод, дорои саводи пухта.

**ХУШСАДО** خوش صدا *ниг.***хушовоз**.

**ХУШСАДОӢ** خوش صدایی *ниг.* **хушовозӣ**.

**ХУШСАЛИҚА** خوش سلیقه касе, ки соҳиби завқ ва табиати хубу некӯст.

**ХУШСАРАНҶОМ** خوش‌سرانجام неканҷом, некоқибат.

**ХУШСАРУЛИБОС** خوش سرولباس *ниг.* **хушлибос**.

**ХУШСИМО** خوش سیما *ниг.* **хушрӯй**.

**ХУШСИФАТ** خوش صفت он чи аз ҷиҳати сифат хубу олист.

**ХУШСОХТ** خوش‌ساخت он чи сохти (таркиби) хубу зебо дорад, дорои сохти дилпазиру шинам, хуштарҳ.

**ХУШСОХТӢ** خوش‌ساختی хушсохт будан, зебогӣ ва хубии сохт, хуштарҳӣ.

**ХУШСУЛУК** خوش سلوک хушмуомила, ҳалим.

**ХУШСУРАТ** خوش صورت он ки зоҳир ва намуди хубу зебо дорад, хубрӯй, хубшакл.

**ХУШСУХАН** خوش‌سخن хушгап, он ки фасеҳ, ширин ва форам сухан меронад, некгуфтор, хушзабон.

**ХУШСӮҲБАТ** خوش‌صحبت сӯҳбаторо, сухандон, хушрафтор ва некгуфтор.

**ХУШТАБИАТ** خوش طبیعت *ниг.* **хуштабъ**.

**ХУШТАБИАТӢ** خوش طبیعتی *ниг.* **хуштабъӣ**.

**ХУШТАБЪ** خوش‌طبع хушзавқ, ширинзабон; **шоири хуштабъ** шоири хушзавқ ва соҳибистеъдод.

**ХУШТАБЪӢ** خوش‌طبعی некӯсиратӣ, ширинзабонӣ.

**ХУШТАВОЗӮЪ** خوش‌تواضع хоксор, соҳиби хислати шикастанафсӣ.

**ХУШТАКАЛЛУМ** خوش‌تکلم хушгап, хушсухан, ширингуфтор.

**ХУШТАРБИЯ** خوش‌تربیه он ки нағз тарбия дидааст, боодоб.

**ХУШТАРҲ** خوش‌ترح хушсохт, хуштаркиб, хушнамуд.

**ХУШТАЪМ** خوش‌طعم он чи таъм ва мазаи хуб дорад, бомаза, хушхӯр.

**ХУШТАЪМӢ** خوش‌طعمی бомазагӣ, хушхӯр будан.

**ХУШТИНАТ** خوش‌طینت наҷиб, олиҳиммат, некӯахлоқ.

**ХУШТИНАТӢ** خوش‌طینتی наҷибӣ, олиҳимматӣ, некӯахлоқӣ.

**ХУШТОЛЕЙ** خوش‌طالعی хушбахтӣ, саодатмандӣ, некиқболӣ.

**ХУШТОЛЕЪ** خوش‌طالع хушбахт, саодатманд, некиқбол.

**ХУШУ** خشو *кит.* модарзан, модарарӯс; модаршӯй.

**ХУШУНАТ** *а.* خشونت дағалӣ, дуруштӣ.

**ХУШУНАТОМЕЗ** خشونت‌آمیز дағалона, дурուштомез, беилтифотона.

**ХУШФАҲМ** خوش‌فهم заковатнок, боҳуш, нуқтарас, хушзеҳн.

**ХУШФЕЪЛ** خوش فعل хушрафтор, некмуомила.

**ХУШФЕЪЛӢ** خوش‌فعلی хушрафторӣ, некмуомилагӣ.

**ХУШФИТРАТ** خوش فطرت *ниг.* **хуштинат**.

**ХУШФИТРАТӢ** خوش فطرتی *ниг.* **хуштинатӣ**.

**ХУШХАБАР** خوش‌خبر хабари хуш, хабари матлуби шодиовар.

**ХУШХАНДА** خوش خنده он ки хандаи зебо дорад, табассуми малеҳ (*ширин*) дорад.

**ХУШХАТ** خوش خط касе ки хаташ нағз ва зебост.

**ХУШХАТӢ** خوش خطی хушхат будан, хатро хубу зебо навиштан.

**ХУШХИРОМ** خوش‌خرام хубрафтор, хушрафтор, касе, ки рафтори хубу мавзун дорад.

**ХУШХИРОМӢ** خوش‌خرامی хушрафторӣ, мавзунӣ.

**ХУШХИСОЛ** خوش‌خصال некӯхислат, соҳиби рафтор ва муомилаи хубу дилкаш.

**ХУШХОК** خوش‌خاک :**замини хушхок** замине, ки хокаш ҳосилхез аст.

**ХУШХОН** خوش‌خان хубовоз, он ки садои дилкашу матбӯъ дорад: **булбули хушхон, ҳофизи хушхон**.

**ХУШХУЛҚ** خوش خلق хушахлоқ, он ки ахлоқи хубу писандида дорад.

**ХУШХУЛҚӢ** خوش خلقی хушахлоқӣ.

**ХУШХӮ** خوش خو *ниг.* **хушхулқ**.

**ХУШХӮР** خوش خور дилкаш, матбӯъ, писандида(*таом*).

**ХУШХӮРАК** خوش‌خورک *гуфт.* зуккахӯр, бомазахӯрак.

**ХУШХӮРОК** خوش‌خوراک он ки иштиҳои хуб дорад; ҳама чиз хӯранда, ҳар чиз хӯранда.

**ХУШҲАВО** خوش هوا 1. ҷое, ки обуҳавои матбӯъу дилкаш дорад. 2. суруде, ки оҳанги дилкашу хуб дорад.

**ХУШҲАВСАЛА** خوش‌حوصله он ки дар анҷом додани коре майлу рағбат ва тоқату бардошти хуб дорад, баҳавсала.

**ХУШҲОЛ** خوشحال шод, хурсанд, хушнуд, масрур; **хушҳол шудан** хурсанд гардидан, шод шудан.

**ХУШҲОЛӢ** خوشحالی хурсандӣ, шодмонӣ, масрурӣ.

**ХУШҲОЛКУНАНДА** خوشحال‌کننده шодкунанда, хурсандкунанда, хушнуд, хурсанд, масрур мекардагӣ.

**ХУШҲОЛОНА** خوشحالانه шодона, хурсандона, хушнудона, масрурона.

**ХУШЧАҚЧАҚ** خوش‌چق چق хушгап, ширингуфтор, сӯҳбаторо.

**ХУШЧОП** خوش‌چاپ нағз чопшуда; нағз чопкунанда.

**ХУШҶИНС** خوش‌جنس *ниг.* **хушзот**.

**ХУШҶИҲОЗ** خوش‌جهاز муҷаҳҳаз, ороста бо воситаҳои даркорӣ.

**ХӮД** خود *кит.* кулоҳи ҷангӣ, ки аз филиз сохта мешавад.

**ХӮ(Й)** خو(ی) табиат, тинат, хулқ, хислат; одат; **феълу хӯй** хислат ва табиат; **хӯй гирифтан (кардан)** одат кардан, омӯхта шудан, унс гирифтан.

**ХӮЙГИР** خوی‌گیر хӯгирифта, одаткарда, мӯътод.

**ХӮЛ** خول парандаи гунҷишкмонанди хушовоз; **хӯле ба кафам беҳ, ки куланге ба ҳаво** (*зарб.*).

**ХӮЛА** خوله 1. филизи омехтаи гудохташуда. 2. биринҷӣ.

**ХӮЛАГӢ** خولگی хӯла будан, аз хӯла сохташуда.

**ХӮЛАГИН** خولگین *ниг.* **хӯлагӣ**.

**хӯр** خور 1. *асоси замони ҳозираи* **хӯрдан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* хӯранда: **чойхӯр, арақхӯр, меросхӯр**.

**ХӮР** خور хуршед, офтоб.

**ХӮРА** خوره касалии ҷузом, махав.

**ХӮРАНДА** خورنده 1. он ки хӯрок мехӯрад. 2. аъзои оила, фарзанд.

**хӯрд** خورد *асоси замони гузашта аз* **хӯрдан**.

**ХӮРД** خورد хӯрок, таом, хӯрданӣ: **хӯрду хӯрок**.

**ХӮРДА** خورده :**хӯрда шудан** соида шудан (*аз расиши доимӣ бо чизе*), суда шудан; хӯрда-хӯрда; **хӯрда-хӯрда** хӯрда истода, дар ҳолати хӯрдан.

**ХӮРДАГИРӢ** خورده‌گیری айбҷӯӣ, эродгирӣ ба ҷузъиёт, ба ҳар чиз айбёбанда будан.

**ХӮРДАН** خوردن 1. аз гулӯ ба дарун фурӯ бурдан, тановул кардан; **нон хӯрдан, ош хӯрдан**. 2. ошомидан, нӯшидан; **об хӯрдан.** 3.тасарруф кардан, аз худ кардан; сарф кардан (*молу пули мардумро*). 4. *феъли ёридиҳанда дар феълҳои таркибии номӣ:* **қасам хӯрдан, шикаст хӯрдан, фиреб хӯрдан; офтоб хӯрдан** дар таги офтоб бисёр мондан; **тир хӯрдан** захмдор шудан бо тири силоҳи оташфишон; **сари** *касе* (*чизе*)**-ро хӯрдан** нобуд кардан, боиси нест шудани чизе гардидан; **хато хӯрдан** (*мас., тир, чашм*) ба ҳадаф нарасидан; **хунук хӯрдан** сардӣ ҳис кардани бадан; **шамол хӯрдан** беморӣ дар асари сармо расидан ба яке аз аъзои бадан (*асосан шуш*); **ғами худро хӯрдан** дар фикри худ будан, дар бораи худ андешидан; **ғами** *чизеро* **хӯрдан** дар фикри чизе будан, чизеро тадорук кардан ва муҳайё намудан.

**ХӮРДАНБОБ** خوردنباب хӯрданӣ, хӯрдашаванда, ба хӯрдан муносиб.

**ХӮРДАНӢ** خوردنی чизе ки қобили хӯрдан бошад, хӯрок; озуқа.

**ХӮРДАШУДА** خورده شده 1. он чи ки онро хӯрда тамом кардаанд. 2. соидашуда (*аз бисёр расидани чизе*), судашуда.

**ХӮРДХОН** خوردخوان *кит.* дастархон, суфра, хони таом.

**ХӮРДУХОБ** خوردو خواب зиндагӣ, маишат.

**ХӮРДУХӮРОК** خوردوخوراک чизҳои хӯрданӣ, таом, хӯрокӣ.

**ХӮРИШ** خورش 1. *исми феълӣ аз* **хӯрдан.** 2. хӯрок, ғизо, он чи ки бо нон хӯранд; газак.

**ХӮРИШГАР** خورشگر *кит.* ошпаз, таббох, таомпаз, пазанда.

**ХӮРИШХОНА** خورشخانه *кит.* ошхона, таомхона, ошпазхона.

**ХӮРӢ** خوری *гуфт.* алам кардан, ба дили кас сахт расидани рафторе ё гуфторе; забунӣ, тавҳин; **хӯрӣ омадан** дар дил алам омадан.

**ХӮРОБА** خورابه *кит.* оби яхдон, ки аз ҷое таровиш мекунад, оби яхдон барои нӯшидан.

**ХӮРОК** خوراک 1. таом, хӯрданӣ, ғизо: **хӯроки нимрӯзӣ, хӯроки пагоҳонӣ, хӯроки шом**. 2. ем, бедаву хошоки чорво.

**ХӮРОКВОРӢ** خوراکواری хӯрду хӯрок, чизҳои хӯрданӣ, озуқа.

**ХУРОКДИҲӢ** خوراکدهی хӯрок додан; бедаву хошок додан ба чорво.

**ХӮРОКӢ** خوراکی чизҳои хӯрданӣ, хӯрданвор, он чи ба тан ғизо медиҳад.

**ХӮРОКНОМА** خوراک نامه суратғизо, таомнома, номгӯи анвои хӯрок.

**ХӮРОКПАЗ** خوراکپز ошпаз; он ки таом, ғизо, хӯрданӣ мепазад, таббох.

**ХӮРОКПАЗӢ** خوراکپزی таббохӣ, ошпазӣ, пухтани таоми гарм.

**ХӮРОКХӮРӢ** خوراک خوری истеъмоли таом.

**ХӮРОН(И)ДАН** خوراندن//خورانیدن 1. ба хӯрдан водор кардан, ғизо додан. 2. ҷои муносиби гапро ёфта гуфтан; **гапро хӯрон(и)дан**.

**ХӮРХӮРАК** خورخورک он чи дар сари шасти моҳигирӣ барои доштани моҳӣ мегузоранд.

**ХӮРҶИН** خورجین ду халтаи ба ҳам пайваста бофта, ки бар болои хар ё асп гузошта дар вай чиз андозанд; **думаш дар хӯрҷин** *маҷ.* кори бесару нӯг, кори хом.

**ХӮСА** خوسه ҳайкали одаммонанде, ки аз чӯбу латта сохта, дар боғҳо ва полезҳо барои тарсондани парандагон мешинонанд.

**ХӮСИДАН** خوسیدن тарсидан, рамидан, кебидан.

**ХӮСОНДАН** خوسانیدن боиси тарс ва рамиши касе шудан, касеро тарсондан, рамондан.

**ХӮТИК** خوتک бачаи хар, курраи хар.

**ХӮҶА** خوجه *ниг.* **хоҷа**.

**ХӮҶАИН** خوجئن соҳиб, молик, соҳибкор.

**ХӮҶАИНӢ** خوجئنی соҳибкорӣ, хоҷагӣ, калонӣ.

**ХӮҶАИНШИНОС** خوجئنشناس он ки бо хӯҷаинҳо сару кор ва нишасту хез дорад; **хӯҷаиншинос шудан** бо хӯҷаинҳо рафтуой пайдо кардан.

**ХӮШ** خوش 1. калимаест, ки дар ҷавоби ҷеғ задани касе гуфта мешавад; **хӯш гуфтан** розӣ шудан, розигӣ баён намудан, маъқул донистан ( *чизеро, гаперо*). 2. ба маънои хуб; **хӯш, ба ин шумо чи мегӯед**; **хӯш ки бошад** ин тавр ки бошад, пас.

**ХӮША** خوشه чанд донаи мева ё ғалладона, ки дар як банд ба ҳам пайваста бошад; **хӯшаи ангур, хӯшаи ҷав; хӯша бастан** пайдо шудани хӯшаи ҳосилдор дар шохи дарахт ё соқаи гиёҳ.

**ХӮШАБАНДӢ** خوشهبندی сарбандӣ (*оид ба* зироатҳои ғалла).

**ХӮШАВОР** خوشهوار монанди хӯша, бо донаҳои бо ҳам часпида, зич.

**ХӮШАГУЛ** خوشهگل *бот.* тӯдагул, хӯшаи гул, тӯдаи гул.

**ХӮШАДОР** خوشهدار растаниҳои ҳосилаш дар хӯша ҷамъшаванда, мисли гандум, ҷав *ва г.*

**ХӮШАЧИН** خوشهچین 1. касе ки баъд аз дарав боқимондаҳои ғалладонаҳоро ҷамъ мекунад. 2. *маҷ.* касе ки аз ҳар дар ва аз ҳар ҷо барои худ чизе меандӯзад (*хоҳ моддӣ, хоҳ маънавӣ*).

**ХӮШАЧИНӢ** خوشه چینی амали хӯшачин.

**ХӮШИДАН** خوشیدن *кит.* хушк шудан, хушкидан, қоқ шудан.

**ХӮШОНИДАН** خشانیدن хушк кунондан, хушконидан

# Ҳ

**Ҳ** *ҳарфи бисту ҳаштуми алифбои ҳозираи тоҷикӣ; дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ бо ҳарфҳои* ҳои хут(т)ӣ (ح) ва ҳои ҳа(в)ваз (ه) *ифода меёбад; ҳарфи* ح (*ҳои ҳуттӣ*) *дар ҳисоби абҷад ба адади 8 баробар буда, дар калимаҳои баргирифта аз забони арабӣ истифода мешавад; ҳарфи* ه (*ҳои ҳавваз*) *дар ҳисоби абҷад ба адади 5 баробар аст.*

**ҲА** I هه *ҳиссачаи тасдиқӣ* оре, бале; **ҳа, ҳамин тавр; ҳа нагуфта** зуд, фавран, тез; **то ҳа гуфтан** дар муддати кӯтоҳ, зуд, дар фосилаи кӯтоҳи вақт.

**ҲА** II هه *ҳиссача* хуш, бале.

**ҲАБ(Б)** *а.* حب 1. дона, ғалладона. 2. доруҳои кӯфтаи лунда ва мудаввар, ки дар ҳаҷмҳои гуногун (ба қадри донаи мош то нахӯд) тайёр мекунанд.

**ҲАБАК** هبک *кит.* каф, кафи даст.

**ҲАБАШ** حبش 1. Ҳабашистон. 2. ҳабашӣ, аз мардуми Ҳабашистон. 3. *киноя аз* сиёҳпӯст.

**ҲАБАШИЗОДА** حبشی زاده 1. фарзанди ҳабашӣ. 2. *маҷ.* ғуломи сиёҳпӯст.

**ҲАБАШӢ** حبشی *мансуб ба* **Ҳабашистон**; аҳли Ҳабашистон, ҳабаш.

**ҲАББ** حب *а. ниг.* **ҳаб(б)**.

**ҲАББА//ҲАББАТ** *а.* حبه//حبة *кҳн.* 1. як доначаи ғалла. 2. *маҷ.* миқдори бисёр кам аз чизе. 3. *таър.* воҳиди вазн, ки баробари 1/48 дирҳам мебошад (миқдори як ҷави миёна); воҳиди хурди пул. 4. паймоиши масоҳат дар баъзе мамлакатҳои араб (1/72 фаддон ё 58, 3 метри мураббаъ).

**ҲАББАЗО** *а.* حبذا *кит., калимаи нидо* офарин, аҳсант, марҳабо, чӣ хуб.

**ҲАББАТ** *а.* حبة *ниг.* **ҳабба**.

**ҲАББОТ** *а.* حبات *ҷ.* **ҳабба//ҳаббат**.

**ҲАБДАҲ** هبده *шумораи миқдорӣ* адади 17.

**ҲАБДАҲСОЛА** هبده ساله он ки (чи) ҳабдаҳ сол дорад.

**ҲАБДАҲСОЛАГӢ** هبده‌سالگی ба синни ҳабдаҳ расидан; ҳабдаҳ сол доштан.

**ҲАБДАҲУМ** هبدهم дар тартиби (ҷои) ҳабдаҳум қарор доштани касе ё чизе.

**ҲАБДАҲУМИН** هبدهمین *ниг.* **ҳабдаҳум**.

**ҲАБИБ** *а.* حبیب дӯстдошта, дӯстдор, маъшуқ; маҳбуб.

**ҲАБИБА** *а.* حبیبه *муаннаси* **ҳабиб**.

**ҲАБК** هبک *ниг.* **ҳабак**.

**ҲАБЛ** *а.* حبل *кҳн.* 1. таноб, расан, ресмон, банд. 2. *биол.* раги варид. 3. алоқа, пайванд.

**ҲАБЛУЛВАРИД** *а.* حبل‌الورید *биол.* раги гардан, шоҳраги гардан.

**ҲАБЛУЛМАТИН** *а.* حبل‌المتین *кҳн.* ресмони маҳкам; **ҳаблулматини гесу** *киноя аз* таноби

гесӯ, тори мӯй.

**ҲАБО(Ъ)** *а.* هبا(ء) *кҳн.* 1.чанг, гард, ғубори ҳаво, зарраи чанг дар ҳаво, ки аз равзан ба воситаи тобиши офтоб дида мешавад. 2. *маҷ.* ночиз, чизи хеле майда; бебаҳо, нопойдор. 3. *фалс.* ҳаюло.

**ҲАБОБ** *а.* حباب *ниг.* **ҳубоб**.

**ҲАБОИЛ** *а.* حبائل *ҷ.* **ҳибола//ҳиболат**.

**ҲАБОК//ҲАПОК** هباک//هپاک *кҳн.* фарқи сар, тораки сар.

**ҲАБОЛА** حباله 1. *кит.* тӯр, шабака. 2. *маҷ.* алоқа, ақд; **ба ҳаболаи никоҳ даровардан** хонадор шудан, ба никоҳ даровардан.

**ҲАБР** *а.* حبر *ниг.* **ҳибр**.

**ҲАБС** *а.* حبس 1. боздоштан, дастгир кардан. 2. дастгирӣ, тавқиф; дар зиндон будан; **ҳабс кардан** маҳбас кардан, зиндонӣ кардан.

**ҲАБСГОҲ** حبسگاه*ниг.* **ҳабсхона**.

**ҲАБСХОНА** حبس خانه ҷои ҳабс шудан, маҳбас, зиндон.

**ҲАВАЛ** *а.* حول *кит.* олусӣ, дубинӣ.

**ҲАВАС** *а.* هوس орзу, майл, шавқ, иштиёқ, хоҳиш.

**ҲАВАСАКӢ** هوسکی *гуфт.* боҳавас, ҳаваскорона, дӯстдорона; аз рӯи ҳавою ҳавас.

**ҲАВАСАНГЕЗ** هوس انگیز 1. ба вуҷудоварандаи ҳавас, хоҳиш. 2. шавқовар, ҷозиб, дилкаш; **бозиҳои ҳавасангез** бозиҳои шавқангез, ҷолиб.

**ҲАВАСАНГЕЗОНА** هوسانگیزانه шавқоварона, ҷозибона, дилкашона.

**ҲАВАСБОЗ** هوسباز он ки аз хоҳишҳои нафсонӣ ва шаҳвонӣ пайравӣ мекунад.

**ҲАВАСБОЗӢ** هوسبازی амали ҳавасбоз, ҳавасбоз будан, пайрави ҳавову ҳавас ва орзуву майлҳои нафсонӣ.

**ҲАВАСДОР** هوسدار роғиб, моил, иштиёқманд.

**ҲАВАСКОР** هوسکار 1. ҳавасманд, иштиёқманд; хоҳон, моил, дӯстдор, ишқбоз. 2. ҳунарпешаи ғайрикасбӣ, ҳунарпешаи ғайриҳирфаӣ.

**ҲАВАСМАНД** هوسمند *ниг.* **ҳаваскор**; **ҳавасманд кардан** моил ва иштиёқманд намудан.

**ҲАВАСМАНДӢ** هوسمندی ҳаваснокӣ, ҳавасдорӣ.

**ҲАВАСМАНДГАРДОНӢ** هوسمندگردانی майл ва иштиёқ ба вуҷуд овардан дар касе ба коре.

**ҲАВАСНОК** هوسناک он ки нисбат ба коре ё чизе шавқ дорад, шавқманд.

**ҲАВАСНОКӢ** هوسناکی ҳаваснок будан, шавқмандӣ.

**ҲАВАСОБОД** هوسآباد 1. ҷои ҳавас, макони орзуҳо. 2. *киноя аз* дили ошиқ.

**ҲАВАСОРОӢ** هوسآرائی ҳавову ҳавас кардан, дар орзу ва ҳаваси чизе будан.

**ҲАВАСПЕША** هوس پیشه ҳаваспарвар; он ки орзую хоҳишаш бисёр аст.

**ҲАВАСРОН** هوسران *кит., ниг.* **ҳавасбоз**.

**ҲАВАСРОНӢ** هوسرانی *кит., ниг.* **ҳавасбозӣ**.

**ҲАВВАЗ** I هوز **:ҳои ҳавваз** а) *номи ҳарфи 31-уми алифбои арабиасоси тоҷикӣ; б)* ҳои дучашм, ҳои гирда; *муқоб.* **ҳои ҳуттӣ**.

**ҲАВВАЗ** II هوز дувумин сурат аз сурати ҳаштгонаи ҳуруфи ҷумал (абҷад), ки аз ҳарфҳои **х**, **в** ва **з** иборат аст ва онҳо мутаносибан ба ададҳои 6, 7 ва 8 баробаранд.

**ҲАВВО** حوا *д.* Ҳавво (*ба маънои* «зиндагӣ»), тибқи таълимоти динӣ, модари инсонҳо, уммулбашар, ҳамсари Одам алайҳиссалом, ки дар фарҳанги аврупоиён ба шакли Ева маъмул аст.

**ҲАВДАҶ** *а.* هودج тахти равон, каҷовае, ки ба асп ё шутур баста ба дарунаш нишаста сафар мекунанд, аморӣ.

**ҲАВЗ** *а.* حوض чуқурии махсус кандашуда барои ҷамъ шуда истодани об, обгир.

**ҲАВЗА** I حوزه қитъае аз мамлакат, ноҳия; миёни мамлакат, даруни мамлакат.

**ҲАВЗА** II حوضه 1. заминҳое, ки аз як дарё ё шохобаҳои он обёрӣ мешаванд; **ҳавзаи дарёи Зарафшон**. 2. *геол.* маҳалли таҷаммӯи ягон ҷинси кӯҳӣ (маъдан); **ҳавзаи ангишти Шӯроб**.

**ҲАВЗАВӢ** حوزوی *мансуб ба* **ҳавза** I.

**ҲАВЗАК** حوضک яке аз шаклҳои кандакорӣ дар чӯб.

**ҲАВЗАН** هوزن гарду ғубор, чанг.

**ҲАВЗГАРДАК** حوض گردک *зоол.* навъи ҷонвари нармбадани беаррапушт, ки маъмулан дар ҳавзҳо мегардад.

**ҲАВЛ** هول хавф, тарс, бим, ваҳшат; **ҳавлу ҳарос** тарсу бим.

**ҲАВЛАК** هولک 1. мавиз, кишмиш. 2. обила (*дар кафи даст ё пой*).

**ҲАВЛАНГЕЗ** هول انگیز даҳшатовар, хавфнок, ба тарс андозанда; **овози ҳавлангез, хоби ҳавлангез**.

**ҲАВЛИБОН** حولی بان посбоникунандаи ҳавлӣ.

**ҲАВЛИБОНӢ** حولی‌بانی посбонӣ кардани ҳавлӣ.

**ҲАВЛИДАРМИЁН** حولی‌درمیان **:ҳамсояи ҳавлидармиён**.

**ҲАВЛИДОР** حولی دار он ки ҳавлӣ дорад.

**ҲАВЛИПОЙ** حولی پای *ниг.* **ҳавлибон.**

**ҲАВЛИПОЙӢ** حولی پائی *ниг.* **ҳавлибонӣ**.

**ҲАВЛИРӮБӢ** حولی روبی рӯбу чини саҳни ҳавлӣ.

**ҲАВЛИСОЗӢ** حولی‌سازی сохтани манзили истиқоматӣ.

**ҲАВЛӢ** حولی иқоматгоҳи гирдогирдаш девор кашидаи саҳндори иборат аз чанд хона.

**ҲАВЛНОК** هولناک тарсовар, ваҳшатнок.

**ҲАВО** I هوا 1. бухори газмонанди беранг, бебӯ ва бетаъм, ки кураи Заминро иҳота кардааст ва он асосан аз нитроген ва оксиген таркиб ёфтааст, атмосфера. 2. бод; насим. 3. фазои болои замин, осмон; **рӯи ҳаворо абр гирифт; боду (обу) ҳаво** иқлим; **аз ҳаво гирифтан** чизеро беасос, беҳисоб, тахминӣ гуфтан; **ҳаво додан** партофтан, ғуррондан; **аз ҳаво омадан** муфт, беранҷу меҳнат ба даст даромадани чизе; **ҳаво хӯрдан** бо ҳавои тоза нафас гирифтан, дар ҳавои тоза гардиш кардан.

**ҲАВО** II هوا оҳанг, наво, лаҳн, нағма.

**ҲАВО** III هوی//هوا 1. иштиёқи зиёд, орзу, ишқ. 2. ҳавас, майли (хоҳиши) нафс; **ҳавои** *чизеро* **дар нафс доштан** дар иштиёқу орзуи чизе будан; **ҳавои даҳан кардан** ҳавобаландӣ кардан, фахр кардан; **ҳаво пухтан** ба фикри чизе будан, орзуи чизе кардан.

**ҲАВО** IV هوا 1. *ч.* **аҳвия**. 2. миёни осмону замин, холо; холигии ҳар чизе. 3. тарсу, буздил, холӣ аз ҷуръат.

**ҲАВОАНГЕЗ** هواانگیز *кит.* таҳриккунандаи ҳавову ҳавас ва рағбату ишқу шавқ.

**ҲАВОБАЛАНД** هوابلند калонгир, мағрур, мутакаббир.

**ҲАВОБАЛАНДӢ** هوابلندی калонгирӣ, такаббур, ғурур.

**ҲАВОБАЛАНДОНА** هوابلندانه калонгирона, ботакаббур.

**ҲАВОБАРО** هوابرا равзана; бодгир, мӯрӣ.

**ҲАВОБОРА** هواباره ҳавопараст, пайрави ҳавову ҳавас; ҳавасбоз.

**ҲАВОБОРОНАК** هوابارانک *бот.* як навъи гул.

**ҲАВОБУРД** هوابرد *кит.* қувваҳои низомие, ки бо ҳамлу нақли ҳавоӣ ва чатрбозӣ фаъолият мекунанд.

**ҲАВОГАРМКУНАК** هواگرمکنک *тех.* асбоби махсуси гармкунандаи ҳаво.

**ҲАВОГИР** هواگیر *кит.* 1. парвозкунанда, болопаранда. 2. *маҷ.* беҳад хоҳишдошта.

**ҲАВОГИРИФТА** هواگرفته 1. парвозкарда, авҷгирифта. 2. *маҷ.* илҳомёфта, илҳомгирифта.

**ҲАВОГИРӢ** هواگیری сайругашт дар ҳавои тоза.

**ҲАВОГУЗАР** هواگذر ҷое ё чизе, ки аз он ҳаво мегузарад.

**ҲАВОГУЗАРӢ** هواگذری ҷой ё чизи қобили ҳаво гузаштан.

**ҲАВОГУЗАРОН** هواگذران ҷой ё чизе, ки ҳаворо мегузаронад.

**ҲАВОГУЗАРОНӢ** هواگذرانی гузаронидани ҳаво.

**ҲАВОДАМАК** هوادمک *тех.* мошине, ки фазои фишурдаро ба печи филизгудозӣ мефиристад.

**ҲАВОДАРОЯК** هوادرایک ҷои махсус дар сақф ё девор барои ба хона даромадани ҳавои тоза.

**ҲАВОДИС** *а.* حوادث *ҷ.* **ҳодиса**.

**ҲАВОДИҲӢ** هوادهی 1. ҳаво додан; нафас додан; шамол додан. 2. партофтан, партоиш. 3. *маҷ., гуфт.* кашидан, ҷалб кардан, гирифтор кардан, аралаш кардани касе ба ягон коре.

**ҲАВОДОР** هوادار тарафдор, хайрхоҳ; пуштибон.

**ҲАВОДОРӢ** هواداری тарафдорӣ, пуштибонӣ.

**ҲАВОЗАДАГӢ** هوازدگی 1. ҳолате, ки дар он шахс ба баландкӯҳҳо рафта эҳсоси камии ҳаво ва нафастангӣ мекунад. 2. маҷмӯи таъсири ҳаво (*гармо, сармо, бод ва г.*) ба санг ва ашёи дигар, ки бар асари онҳо хурда суфта мешаванд.

**ҲАВОИҶ** *а.* حوائج *ҷ.* **ҳоҷат**.

**ҲАВОӢ** هوائی 1. *мансуб ба* **ҳаво**; киштии ҳавоӣ. 2. аз ҳаво омада. 3. *маҷ.* муфт ба даст даромада. 4. беасос, бедалел: **суханҳои ҳавоӣ**.

**ҲАВОКАШ** هواکش 1. бодкаш, ғуборкаш, ҳавотозакунак. 2. сӯрох, тарқиши ҳавотозакунӣ. 3. дудкаш, дудбаро.

**ҲАВОЛА** *а.* حواله кореро ба каси дигар вогузор кардан, супурдан, вогузоштан; ба зиммаи касе гузоштан; **ҳавола кардан** а) вогузор кардан; б) равона кардан, бо қиёс ҳалли чизеро ба сӯи чизи дигар бурдан.

**ҲАВОЛАГАҲ** هوالهگه *кит., ниг.* **ҳаволагоҳ**.

**ҲАВОЛАГОҲ** هوالهگاه *кит.* ҷои муроҷиат; паногоҳ.

**ҲАВОЛАДИҲӢ** حواله دهی 1. ҳаво додан, партофтан. 2. *маҷ.* вогузор кардан.

**ҲАВОЛАДОР** حوالهدار *кит.* маъмур, мутасаддӣ, касе, ки коре ба ӯ вогузор шуда бошад.

**ҲАВОЛӢ** حوالی *кит.* 1. гирду атроф; **дар ҳаволии... наздики, қариби**. 2. хонаҳои гирду атрофаш девор гирифташуда; қӯрғон, работ.

**ҲАВОМ(М)** *а.* هوام *ҷ.* **ҳомма**.

**ҲАВОН** *а.* هوان *кит.* хорӣ, пастӣ, зиллат.

**ҲАВОНАВАРД** هوانورد тайкунандаи ҳаво; ронандаи ҳавопаймо.

**ҲАВОНАВАРДӢ** هوانوردی *ниг.* **ҳавопаймоӣ**.

**ҲАВОНОГУЗАР** هواناگذر чиз ё ҷои ҳаворо аз худ хориҷ накунанда.

**ҲАВОНОГУЗАРӢ** هواناگذری ҳавоногузар будан.

**ҲАВОПАЙМО** هواپیما тайёра.

**ҲАВОПАЙМОБАР** هواپیمابر ҳамлкунандаи ҳавопаймо: **киштии ҳавопаймобар**.

**ҲАВОПАЙМОЗАДАГӢ** هواپیمازدگی ҳол ва вазъияти беморгунаи шахсе, ки бо ҳавопаймо сафар мекунад.

**ҲАВОПАЙМОӢ** هواپیمائی 1. *мансуб ба* ҳавопаймо: **мактаби ҳавопаймоӣ, ҳавопаймоии низомӣ, ҳавопаймоии ғайринизомӣ, ҳавопаймоии мулкӣ**. 2. амали ҳавопаймо.

**ҲАВОПАЙМОРАБО** هواپیماربا он ки бо истифода аз силоҳ ва дигар воситаҳо сарнишинони ҳавопайморо ба мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои хеш ба тағйири хати сайр маҷбур мекунад.

**ҲАВОПАЙМОРАБОӢ** هواپیماربائی амали ҳавопайморабот, набудани ҳавопаймо.

**ҲАВОПАРАСТ** هواپرست ҳавасрон, ба кайфу сафо додашуда, шаҳватпараст; пайрави ҳавас, ҳавасбоз.

**ҲАВОПАРАСТӢ** هواپرستی шаҳватпарастӣ, ҳавасронӣ, дода шудан ба кайфу сафо.

**ҲАВОПАРВАР** هواپرور *кит.* ҳавобаланд, аз худ раванда, мағрур; ба ҳавову ҳавас додашуда.

**ҲАВОРАНГ** هوارنگ кабуд, осмонӣ.

**ҲАВОРИЮН** *а.* حواریون 1. ёрон, шогирдони Исо, ки 12 нафар буданд; асҳоби Исо. 2. *маҷ., кит.* тарғибгарон, мубаллиғон, паҳнкунандагон, пайравон.

**ҲАВОС(С)** *а.* حواس *ҷ.* **ҳосса**; қувваҳои ҳискунанда; **ҳавос парешон будан** парешонхотир будан; **ҳавоси худро ҷамъ кардан** худро даст гирифтан.

**ҲАВОСАНҶ** هواسنج асбоби андозагирии фишори ҳаво; барометр.

**ҲАВОСАНҶӢ** هواسنجی чен кардани фишори ҳаво.

**ҲАВОСИДА** هواسیده *кит.* хушку пажмурда.

**ҲАВОСИДАН** هواسیدن *кит.* хушку пажмурда шудан.

**ҲАВОСИЛ** I *а.* حواصل *ҷ.* **ҳосил**.

**ҲАВОСИЛ** II *а.* حواصل *ҷ.* **ҳавсала** I.

**ҲАВОСИЛ** III *а.* حواصل *зоол.* мурғи саққо, мурғи калони сафед аст, ки дар канори обҳо менишинад, пеликан.

**ҲАВОСОФКУНАК** هواصافکنک *ниг.* **ҳавотозакунак**.

**ҲАВОТОЗАКУНАК** هواتازه‌کنک ҳавософкунак.

**ҲАВОФИШОР** هوافشار ҳавофиристанда, ҳавофишоранда.

**ҲАВОФИШОРӢ** هوافشاری ҳаво фиристодан, ҳаво фишоридан.

**ҲАВОХОҲ** هواخواه тарафдор, ҳомӣ.

**ҲАВОХОҲӢ** هواخواهی дӯстдорӣ, хайрхоҳӣ, тарафгирӣ.

**ҲАВОХӮРӢ** هواخوری сайругашт дар ҳавои тоза.

**ҲАВОҶИБ** حواجب *ҷ.* **ҳоҷиб**.

**ҲАВОҶИС** هواجس *кит.* орзу ва хоҳишҳои нафсонӣ.

**ҲАВОҶӮӢ** هواجوئی ноустуворӣ, булҳавасӣ; сабукфикрӣ.

**ҲАВОҶӮЙ** هواجوی ноустувор, булҳавас; сабукфикр.

**ҲАВОШИНОС** هواشناس мутахассиси обу ҳавосанҷӣ.

**ҲАВОШИНОСӢ** هواشناسی соҳаи обу ҳавосанҷӣ.

**ҲАВОШӢ** *а.* حواشی *ҷ.* **ҳошия** (шарҳҳо).

**ҲАВОШУДА** هواشده *кит.* бухоршуда; буғшуда, ҳеҷшуда.

**ҲАВОЯКӢ//ҲАВОАКӢ** هوایکی//هوائکی беасос, бедалел: **гапи ҳавоякӣ**.

**ҲАВР** *а.* حور 1. буғ, бухор: **ҳаври даҳон, ҳаври замин.** 2. тафс, тафт: **ҳаври оташ, ҳаври танӯр; ҳаври дилро баровардан (паст кардан)** таскин додани ҷӯшу хурӯш.

**ҲАВСАЛА** I *а.* حوصله чинадон, ҷоғар, чиғирдон (чиғилдон)-и мурғ, меъдаи парандагон.

**ҲАВСАЛА** II *а.* حوصله бардошт, тоқат, таҳаммул; хоҳиш кардани коре, майл, рағбат; **ҳавсала надоштан** тоқат ва майли анҷом додани кореро надоштан, майл надоштан; **ҳавсала кардан** бо майл ва рағбат ба коре иқдом кардан.

**ҲАВСАЛАНОК** حوصله‌ناک 1. боғайрат, боҷидду ҷаҳд. 2. босабр, ботаҳаммул, пуртоқат.

**ҲАВУҶ** *т.* هوج қабза, мушт: **як ҳавуҷ гандум**.

**ҲАД(Д)** *а.* حد 1. канор, канораи чизе, интиҳо; **ҳадду канор** ниҳоят, охир. 2. андоза, ҳисоб; **аз ҳад берун (зиёд)** беандоза, хеле, бисёр; **ҳадди аксар** ҳадди аз ҳама баланд; **ҳадди ақал** ҳадди аз ҳама паст; **то ҳадди имкон** ба қадри имкон. 3. салоҳият, иқтидор, ҷуръат; **аз ҳад гузаштан** а) аз доираи салоҳияти худ берун шудан; б) аз андоза зиёд шудан; **ҳад надоштан** а) ҷуръат надоштан, ҳақ надоштан; б) зиёд будан.

**ҲАДАБА** *а.* حدبه *кит.* 1. кӯҳон, кӯз, кӯж. 2. барҷастагӣ, дунгӣ. 3. баландӣ, теппа.

**ҲАДАҚА//ҲАДҚА** *а.* حدقه 1. сиёҳии чашм, мардумаки чашм. 2. косахонаи чашм; **аз ҳадақа баромадани чашм** хашмгин шудан.

**ҲАДАР** *а.* هدر зоеъ, абас; ботил, кори беҳуда, кори бефоида; **ҳадар рафт** зоеъ шудан.

**ҲАДАФ** *а.* هدف 1. нишона, нишонаи тир; **ба ҳадаф расидани тир**. 2. *маҷ.* маром, мақсад: **ҳадафи шеъри шоир**.

**ҲАДАФГИРӢ** هدف‌گیری нишонгирӣ (аслиҳа), ба ҳадаф рост кардан.

**ҲАДАФДОР** هدف‌دار дорои ҳадаф ва мақсади муайян, боҳадаф, ҳадафнок.

**ҲАДАФМАНД** هدفمند ҳадафдор, боҳадаф.

**ҲАДАФМАНДӢ** هدفمندی дорои ҳадаф будан, ҳадафманд будан, ҳадафдорӣ.

**ҲАДАҲА** هدهه *гуфт.* зуд, базудӣ, бошитоб.

**ҲАДБАНДӢ** حدبندی муқаррар кардани меъёр, миқдор, ҳадди чизе, ҳад гузоштан.

**ҲАДАЛИМКОН** *а.* حتی الامکان ба қадри қувва,

ба қадри имкон, ҳатталимкон.

**ҲАДГУЗОР** حدگذار марзакаш, танобкаш, рошкаш, воткаш, заминпаймо.

**ҲАДГУЗОРӢ** حدگذاری 1. муқаррар намудани марз, ҳудуд. 2. маҳдудият.

**ҲАДДОД** *а.* حداد *кит.* оҳангар.

**ҲАДДОДӢ** حدادی *кит.* оҳангарӣ; дӯкони оҳангарӣ.

**ҲАДЗАДА** حدزده *кӯҳ.* ҷазодида, сазо кардашуда, ба ҷазо гирифташуда.

**ҲАДИД** *а.* حدید 1. филиз, оҳан. 2. *маҷ.* тез, буранда.

**ҲАДИДА** *а.* حدیده 1. тахтаи симкашӣ. 2. печбарорак.

**ҲАДИДАКАШАК** حدیده‌کشک *тех.* симкаш, коргари симкаш.

**ҲАДИДАКАШӢ** حدیده کشی *тех.* **симкашӣ**.

**ҲАДИҚА** *а.* حدیقه боғ; боғи атрофаш девор кардашуда.

**ҲАДИС** *а.* حدیث *кит.* 1. нав, тоза. 2. сухане, ки аз қавли касе нақл шудааст, нақл, ривоят. 3. суханоне, ки аз қавли Муҳаммади пайғамбар (с) нақл шудаанд.

**ҲАДИЯ//ҲАДЯ** هدیه чизи тӯҳфа кардашуда, тӯҳфа, бахшиш, савға (*бо феълҳои гирифтан, додан, кардан, овардан меояд*).

**ҲАДМ** *а.* هدم *кит.* вайрон кардан, хароб кардан, инҳидом, несту нобуд сохтан.

**ҲАДОЁ** *а.* هدایا *ҷ.* **ҳадия**.

**ҲАДОИҚ** *а.* حدایق *ҷ.* **ҳадиқа**.

**ҲАДОСАТ** *а.* حداثت *кит.* аввали ҳар чизе; аввали ҷавонӣ; ҷавонӣ.

**ҲАДС** *а.* حدس тахмин, фарз; **ҳадс задан** пай бурдан, фаҳмидан, дарёфтан.

**ҲАЁ** حیا шарм, хиҷолат; **ҳаё кардан** шарм доштан; **ҳаё дар чашм аст** *(мақ.)*.

**ҲАЁЗАДА** حیازده шармсор, шарманда; хиҷил.

**ҲАЁТ** I حیات 1. умр, зист, зиндагӣ; зинда будан, зиндагӣ кардан; **ҳаёту мамот** зиндагӣ ва марг. 2. фаъолияти ҷамъият ва инсонҳо дар соҳаҳои гуногун: **ҳаёти адабӣ, ҳаёти фарҳангӣ**.

**ҲАЁТ** II *а.* حیاط замини атрофаш девор кашида, ҳавлӣ, саҳни ҳавлӣ.

**ҲАЁТАН** حیاتاً аз ҷиҳати ҳаёт, барои ҳаёт; **ҳаётан зарур** он чи барои ҳаёт зарур аст.

**ҲАЁТБАХШ** حیات‌بخش зиндагибахш, зиндакунанда; рӯҳафзо.

**ҲАЁТБАХШАНДА** حیات بخشنده *ниг.* **ҳаётбахш.**

**ҲАЁТДӮСТ** حیات دوست дӯстдори ҳаёт, зиндадил.

**ҲАЁТДӮСТӢ** حیات دوستی дӯст доштани ҳаёт.

**ҲАЁТӢ** حیاتی *мансуб ба* **ҳаёт**; аз ҳаёт гирифташуда; **таҷрибаи ҳаётӣ**.

**ҲАЁТОЗМУДА** حیات آزموده дунёдида, гарму сарди зиндагиро чашида (одам).

**ҲАЁТФАҲМӢ** حیات فهمی фаҳмидан, донистани ҳаёт, зиндагӣ.

**ҲАЁТШИНОС** حیات شناس мутахассиси илми ҳаётшиносӣ, биолог.

**ҲАЁТШИНОСӢ** حیات‌شناسی илме, ки мавҷудоти зиндаро меомӯзад, биология.

**ҲАЁҲУ** هیاهو ғавғо, доду фарёд, талотӯб, ғалоғула.

**ҲАЁҲУКУНОН** هیاهوکنان *феъли ҳол аз* **ҳаёҳу кардан;** бо ҳамҳамаву сару садоҳои зиёд, бо доду фарёд ва ғавғову ғалоғулаи зиёд.

**ҲАЖДАҲ** هژده *шумораи миқдорӣ* адади 18.

**ҲАЖДАҲСОЛА** هژده ساله он ки (чи) ҳаждаҳ сол дорад.

**ҲАЖДАҲСОЛАГӢ** هژده‌سالگی ба синни ҳаждаҳ расидан, ҳаждаҳ сол доштан; синни ҳаждаҳ.

**ҲАЖДАҲУМ** هژدهم дар тартиби (ҷои) ҳаждаҳум қарор доштани касе ё чизе.

**ҲАЖДАҲУМИН** هژدهمین *ниг.* **ҳаждаҳум**.

**ҲАЖИР//ҲУЖИР** هژیر *кит.* нек, хуб, нағз; дилкаш, хубу хуррам.

**ҲАЗАЁН** *а.* هذیان 1. сафсата, суханҳои беҳуда. 2. суханони берабт гуфтани бемор аз шиддати таб ва дар беҳудӣ.

**ҲАЗАР** *а.* حذر парҳез, канорагирӣ, худдорӣ; **ҳазар кардан** парҳез кардан, худро ба канор гирифтан.

**ҲАЗАҶ** *а.* هزج *адш.* вазне аз вазнҳои арӯз, ки дар он дар як байт ҳашт бор “мафоилун” такрор мешавад.

**ҲАЗЁН** هذيان *ниг.* **ҳазаён**.

**ҲАЗЁНГӮ(Й)** هذيانگو(ی) ҳазён гуфтан, суханҳои бемаънӣ гуфтан.

**ҲАЗЁНОМЕЗ** هذيانآميز омехта бо ҳазён, ҳамроҳ бо ҳазён, суханҳои бемаънӣ.

**ҲАЗЁНСАРО** هذيانسرا *маҷ.* беҳудагӯ, гӯяндаи суханҳои пучу бемаънӣ.

**ҲАЗИН** *а.* حزين андӯҳгин, ғамгин, ғамангез.

**ҲАЗИНОНА** حزينانه ғамгинона.

**ҲАЗЛ** *а.* هزل сухани шӯхиомез, сухани ғайриҷиддӣ; мазоҳ, шӯхӣ; **ҳазл кардан** бо касе шӯхӣ кардан, сухани ҳазломез гуфтан.

**ҲАЗЛБАРДОР** هزلبردار ба шӯхӣ тобовар: **ҳазлро ба ҳазлбардор кун** (*зарб.*)

**ҲАЗЛБОЗ** هزلباز шӯхикунанда, шӯхидӯст, шӯх (*сифати одам*).

**ҲАЗЛБОЗӢ** هزلبازی шӯхӣ.

**ҲАЗЛГӮӢ** هزلگويی суханбозӣ кардан, ба ҳамдигар суханони ҳазломез гуфтан.

**ҲАЗЛГӮЙ** هزلگوی он ки суханони ҳазломез мегӯяд.

**ҲАЗЛДӮСТ** هزلدوست он ки аз ҳазл хушаш меояд.

**ҲАЗЛИЁТ** هزليات *адш.* шеърҳои ҳазломез, шеър ё асари ҳаҷвӣ.

**ҲАЗЛКАШ** هزلکش ҳазлбоз, ҳазлгӯй; ҳазлбардор.

**ҲАЗЛОМЕЗ** هزلآميز шӯхиёна, ширинкорона (*гап*).

**ҲАЗМ** *а.* هضم ҳал шудани таом дар меъда; **ҳазм шудан**.

**ҲАЗОҚАТ** *а.* حذاقت маҳорат; зиракӣ, доноӣ (*махсусан дар соҳаи тиб*); ҳозиқ будан.

**ҲАЗОР** I هزار даҳ бор сад.

**ҲАЗОР** II هزار булбул.

**ҲАЗОРДАСТОН** هزاردستان *ниг.* **ҳазор** II.

**ҲАЗОРИСПАНД** هزاراسپند *ниг.* **сипанд**.

**ҲАЗОРПО** هزارپا *зоол.* ҳашараест дарози зардранг, ки баданаш аз ҳалқаҳои зиёд иборат буда, дар зери ҳалқа бисту ду по дорад.

**ҲАЗОРСОЛА** هزارساله он чи таърихаш ба ҳазор сол мерасад; қадим, қадима; **маданияти ҳазорсола**.

**ҲАЗРАТ** *а.* حضرت 1.ҳузур, ҳозир шудан. 2. даргоҳ, остона. 3. калимаи таъзим ва эҳтиром дар мавриди зикри номи шахсони бузург.

**ҲАЙ** I هی 1. *калимаи танбеҳ ва огоҳонидан* ҳой! 2. дар мавриди таъриф ва таҳсин гуфта мешавад **ҳай дареғ**!, **ҳай бале**! ва баъзан таассуф.

**ҲАЙ** II هی бисёр, такрор ба такрор, паиҳам, пайваста, доим.

**ҲАЙ** III هی :**ҳай кардан** а) пеш кардан, рондан рамаро аз ҷое ба ҷое, одамро аз ҷое; б) рондан, шудгор кардан (заминро).

**ҲАЙ** IV هی ҳаст, мавҷуд.

**ҲАЙ(Й)** V *а.* حی 1. *ҷ.* **аҳё**. 2. зинда; *муқоб.* **майт** (мурда). 3. зинда, ҷовид, ҳамеша (*яке аз ном ва сифоти Худованд*).

**ҲАЙАТ** *а.* هيأت//هيئت 1. шакл, сохт, кайфияти чизе: **тасвири ҳайати масъала**. 2. таркиб. 3. илме, ки дар бораи ситораҳо баҳс мекунад; **илми ҳайат** ситорашиносӣ.

**ҲАЙАТШИНОС** هيأتشناس мунаҷҷим, ситорашинос, ахтаршинос.

**ҲАЙБАТ** *а.* هيبت 1. тарсоварии намуди зоҳирии касе, чизе. 2. савлат, калонӣ, шукӯҳ, воҳима.

**ҲАЙБАТАНГЕЗ** هيبتانگيز воҳимадор, ба воҳимаандозанда.

**ҲАЙБАТНОК** هيبت ناک бадвоҳима, тарсангез.

**ҲАЙВОН** حيوان 1. ҷондор, зинда, ҷонвар, чорпо. 2. *киноя аз* одами нофаҳм, бефаросат; ◊ **ҳайвони нотиқ** одам.

**ҲАЙВОНӢ** حيوانی *мансуб ба* **ҳайвон**; **нафси ҳайвонӣ**.

**ҲАЙВОНМУРӢ** حيوانمری офати муромурии чорпо.

**ҲАЙВОНОТ** *а.* حيوانات *ҷ.* **ҳайвон**; **ҳайвоноти корӣ** чорпои коркунанда.

**ҲАЙВОНОТДОРӢ** حیوانات‌داری *ниг.* **ҳайвонотпарварӣ**.

**ҲАЙВОНОТПАРВАРӢ** حیوانات‌پروری чорводорӣ.

**ҲАЙВОНСИРАТ** حیوان سیرت касе ки табиати ғайри инсонӣ дорад, ҳайвонтабиат.

**ҲАЙВОНСИФАТ** حیوان صفت *ниг.* **ҳайвонсират**.

**ҲАЙДАР** *а.* حیدر 1.шер. 2. лақаби Алӣ (р) - домоди Муҳаммади пайғамбар (с).

**ҲАЙДАХ** هیدخ *кит.* аспи ҷавон ва тезу тундрав, ки ба сахтӣ ром шавад, аспи ҷангӣ.

**ҲАЙЗ** *а.* حیض хунравии ҳармоҳаи зан.

**ҲАЙЗБИНӢ** حیض‌بینی марҳилаи ҳайз дидани зан.

**ҲАЙКАЛ** *а.* هیکل 1. пайкар, ҷуссаи одам. 2. сурат, пайкари аз санг тарошида ё аз филизот ё гаҷ рехташуда, муҷассама; **ҳайкал гузоштан** муҷассама сохтан ба ёди воқеае ё касе; **ҳайкали ёдгорӣ**.

**ҲАЙКАЛДОР** هیکل دار тануманд, қавиҳайкал, бо тану туш.

**ҲАЙКАЛӢ** هیکلی *мансуб ба* **ҳайкал**; тануманд.

**ҲАЙКАЛСОЗ** هیکل ساز пайкарасоз.

**ҲАЙКАЛСОЗӢ** هیکل‌سازی пайкарасозӣ, пайкартарошӣ, муҷассамасозӣ.

**ҲАЙКАЛТАРОШ** هیکل‌تراش устое, ки аз санг ҳайкал метарошад, пайкартарош.

**ҲАЙКАЛТАРОШӢ** هیکل‌تراشی ҳайкалсозӣ аз санг, гаҷ *ва г.;* пайкартарошӣ.

**ҲАЙРАТ** *а.* حیرت чи кор кардани худро надониста мондан, таҳайюр, ҳайронӣ; **дар ҳайрат афтодан** чизе нафаҳмида, ҳайрон шуда истодан; **ба ҳайрат андохтан** дар тааҷҷуб мононданн.

**ҲАЙРАТАНГЕЗ** حیرت‌انگیز ҳайратовар, ҳайронкунанда, аҷиб.

**ҲАЙРАТАФЗО** حیرت افزا *ниг.* **ҳайратангез**.

**ҲАЙРАТБАХШ** حیرت بخش *ниг.* **ҳайратовар**.

**ҲАЙРАТГАҲ** حیرت‌گه *ниг.* **ҳайратгоҳ**.

**ҲАЙРАТГОҲ** حیرت‌گاه *кит.* ҷои тааҷҷуб, макони таҳайюр.

**ҲАЙРАТЗАДА** حیرت‌زده ҳайрон, мутаҳаййир, сахт ба ҳайратафтода.

**ҲАЙРАТКАДА** حیرت‌کده *кит.* ҷои таҳайюр, ҳайратгоҳ.

**ҲАЙРАТНИГОР** حیرت نگار *кит.* он ки нақшу сурати ҳайратбахш мекашад; **хомаи ҳайратнигор** қаламе, ки осори мӯъҷизакорона эҷод мекунад.

**ҲАЙРАТОВАР** حیرت‌آور ба тааҷҷуб андозанда, аҷиб.

**ҲАЙРАТФИЗО** حیرت‌فزا сахт ҳайронкунанда, боиси тааҷҷуби зиёд.

**ҲАЙРОН** *а.* حیران мутаҳаййир, ба ҳайрат афтода; ҳайрон мондан (шудан) чӣ кор кардани худро надониста мондан.

**ҲАЙРОНӢ** حیرانی дар ҳайрат будан, ҳайратзадагӣ.

**ҲАЙС** *а.* حیث **:аз ҳайси**... аз ҷиҳати..., аз нуқтаи назари...; **ба ҳайси** ...; ба сифати ...

**ҲАЙСИЯТ** *а.* حیثیت шоистагӣ, эътибор, нуфуз; қудрату тавоноии маънавӣ.

**ҲАЙТАЛ//ҲАЙТОЛ** هیطل//هیطال қабилаҳои кӯчии эронӣ, ки дар асрҳои V Осиёи Миёнаро ишғол карданд, яке аз қабилаҳои эфталитҳо.

**ҲАЙФ** *а.* حیف афсӯс, дареғ, таассуф; **ҳайф шудан** беҳуда нобуд шудан; **ҳайфи ту** дар мавриди маломат ва мазаммат гӯянд; навъи ҷазо.

**ҲАЙФО** حیفا афсӯс.

**ҲАЙҲОТ** هیهات калимае, ки дар мавриди тааҷҷуб ва афсӯс гӯянд; дареғ, афсӯс.

**ҲАК(К)** *а.* حک *кит.* тарошидан, (харошида) нест кардан (*мас.*, *хатро аз болои санг*), соидан, сутурдан.

**ҲАКАМ** *а.* حکم касе (ҳайате), ки барои ҳукм баровардан дар бораи низое интихоб карда мешавад, довар.

**ҲАКАМИЯТ** *а.* حکمیت ҳакамӣ, доварӣ, қазоват.

**ҲАКИМ** *а.* حکیم 1. донандаи илмҳои ҳикмат, донишманд. 2. табиб, пизишк.

**ҲАКИМОНА** حکیمانه аз рӯи ҳикмат; донишмандона: **сухани ҳакимона.**

**ҲАККОК** *а.* حکاک нигинтарош, он ки навишта (ё нақше)-ро ба рӯи филиз ё нигин меканад.

**ҲАҚ(Қ)** *а.* حق 1. рост, дуруст; **гапи ҳақ** гапи рост, гапи дуруст. 2. ростӣ, дурустӣ, ҳақиқат. 3. баҳра, музд, ҳисса; **ҳаққи меҳнат** музди кор; **ҳақ додан** музд додан; **дар ҳаққи**... а) дар бораи..., оид ба...; б) барои; **ба ҳаққи Худо** қасам; **ҳаққ асту рост** *ибораест, ки вақти атса задани касе гӯянд*; **ҳаққи намак** миннатдорӣ дар муқобили некии касе.

**ҲАҚБИН** حق‌بین бовиҷдон, бошараф, одил, адолатнок.

**ҲАҚВАР** حق ور *ниг.* **ҳақдор**.

**ҲАҚГУЗОР** حق‌گذار 1. он ки қадру арзиш ва некии дигаронро медонад ва сипосгузори онон аст. 2. *ниг.* **ҳақшинос**.

**ҲАҚГУЗОРӢ** حق‌گذاری 1. қадрдонӣ; шукргузорӣ. 2. *ниг.* **ҳақшиносӣ**.

**ҲАҚГӮ(Й)** حق‌گو(ی) он ки ҳаққи гапро мегӯяд, ҳақиқатгӯй, ростгӯй.

**ҲАҚГӮӢ** حق‌گویی гуфтани ҳақиқат, ростгӯӣ.

**ҲАҚДЕҲ** حق‌ده ҳақдиҳанда, боздиҳандаи музд; *маҷ.* довари ҳақиқат, ростӣ.

**ҲАҚДИҲӢ** حق‌دهی пардохтани ҳақ, боздиҳандагии музд, додани ҳаққулхизмат.

**ҲАҚДОР** حق دار 1. он ки ҳақ ба ҷониби ӯст. 2. он ки ба коре ҳуқуқ дорад. 3. сазовор.

**ҲАҚДӮСТ** حق دوست *ниг.* **ҳақиқатдӯст**.

**ҲАҚИҚ** *а.* حقیق *кит.* лоиқ, сазовор, шоиста, муносиб.

**ҲАҚИҚАТ** *а.* حقیقت 1. ростӣ, дурустӣ. 2. асли ҳар чиз, моҳият. 3. воқеият; **ҳақиқати таърихӣ** он чи дар таърих рӯй додааст; **дар ҳақиқат** аз рӯи ростӣ ва дурустӣ.

**ҲАҚИҚАТАН** حقیقتاً дар ҳақиқат, дар воқеъ.

**ҲАҚИҚАТБИН** حقیقت بین он ки ба ҳама чиз аз назари ҳақиқат менигарад, воқеъбин.

**ҲАҚИҚАТГӮӢ** حقیقت‌گویی ростқавлӣ, ростгӯӣ.

**ҲАҚИҚАТГӮЙ** حقیقت‌گوی он ки сухани рост мегӯяд, ҳақгӯй.

**ҲАҚИҚАТДӮСТ** حقیقت‌دوست ҳақдӯст, ростидӯст, адолатдӯст, ҷонибдори ҳақиқату адолат.

**ҲАҚИҚАТДӮСТӢ** حقیقت‌دوستی ҳақдӯстӣ, ростидӯстӣ, адолатдӯстӣ, ҷонибдори ҳақиқату ростӣ.

**ҲАҚИҚАТНАЗАР** حقیقت‌نظر он ки фикру мулоҳизаҳои дуруст дорад, дурустфикр.

**ҲАҚИҚАТНИГОР** حقیقت نگار он ки рост ва дурустии воқеаро тасвир мекунад.

**ҲАҚИҚАТПАРДОЗ** حقیقت‌پرداز он ки ҳақиқатро мегӯяд, ростгӯй.

**ҲАҚИҚАТҶӮӢ** حقیقت جویی аз пайи барқарор намудани ҳақиқату адолат будан.

**ҲАҚИҚАТҶӮЙ** حقیقت‌جوی он ки аз пайи барқарор намудани ҳақиқату адолат аст, хоҳанда ва ҷӯяндаи ҳақиқат.

**ҲАҚИҚАТШИНОС** حقیقت‌شناس он ки аз ҳақиқат огоҳ аст, шиносандаи ҳақиқат; одил: **ҳақиқатшиноси боинсоф**.

**ҲАҚИҚАТШИНОСӢ** حقیقت‌شناسی донистани ҳақиқат; одилӣ, боинсофӣ.

**ҲАҚИҚӢ** حقیقی аслӣ, воқеӣ.

**ҲАҚИР** *а.* حقیر 1. залил, хор, забун, паст; назарногир: **одами ҳақир**. 2. дар мавриди худро камтар шуморидан нисбат ба худ гуфта мешавад; *муқ.* **банда, камина**.

**ҲАҚИРӢ** حقیری хорӣ, пастӣ, забунӣ.

**ҲАҚИРОНА** حقیرانه назарногир, камқадр; **кулбаи ҳақирона**.

**ҲАҚҚ** *а.* حق *ниг.* **ҳақ**.

**ҲАҚҚАН** *а.* حقاً баростӣ ва дурустӣ.

**ҲАҚҚИМАРДУМХӮР** حق‌مردم‌خور он ки мол, музди кори касони дигарро аз худ мекунад.

**ҲАҚҚО** حقا ба ростӣ, ба дурустӣ.

**ҲАҚҚОБА** حق آبه музд ба баҳои об; ҳиссае аз об, ки ба касе ё ба ҷое мерасад.

**ҲАҚҚОНИЯТ** حقّانیت ҳақ будан, дурустию ростӣ.

**ҲАҚҚОНӢ** حقانی аз рӯи ҳақ, рост, дуруст.

**ҲАҚҚУЗЗАҲМАТ** *а.* حق الزحمت музд, подоши меҳнат, кор (*бештар дар мардикорӣ*).

**ҲАҚҚУЛАМАЛ** *а.* حق‌العمل ширинкома, даллолона, ҳаққи даллолӣ.

**ҲАҚҚУЛҚАДАМ** *а.* حق‌القدم *кит.* поймузд, музди пой, ки ба табиб ё қосид медоданд.

**ҲАҚҚУЛҚАЛАМ** *а.* حق‌القلم ҳаққи қалам, музди асари чопшуда.

**ҲАҚҚУЛЛОҲ** *а.* حق الله *таър.* ҳиссае, ки имоми деҳа дар сари хирман аз ҳосили деҳқон мегирифт.

**ҲАҚҚУЛУБУР** *а. кит.* حق العبور 1. хироҷ, боҷ, ки барои гузаштани одамон ё гузаронидани мол аз як мамлакат ба мамлакати дигар пардохта мешавад. 2. ҳуқуқ доштан барои аз як марз ба марзи дигар гузаштан.

**ҲАҚҚУССАҲМ** *а.* حق‌السهم ҳаққи саҳм, фоидаи саҳмдорон, ки мувофиқи сармояи худ аз ширкат мегиранд.

**ҲАҚНАШИНОС** حق‌نشناس *ниг.* **ҳақношинос**.

**ҲАҚНАВОЗ** حق‌نواز он ки ҳақро мӯҳтарам мешуморад.

**ҲАҚНОГУЗОР** حق‌ناگذار *ниг.* **ҳақношинос**.

**ҲАҚНОШИНОС** حق‌ناشناس носипос, ношукр, кӯрнамак.

**ҲАҚНОШИНОСӢ** حق‌ناشناسی ношукрӣ, кӯрнамакӣ, носипосӣ.

**ҲАҚОИҚ** *а.* حقایق *ҷ.* **ҳақиқат**.

**ҲАҚОИҚПАЗИР** *а.* حقایق‌پذیر *ниг.* **ҳақиқатшинос**.

**ҲАҚОИҚШИНОС** حقایق شناس *ниг.* **ҳақиқатшинос**.

**ҲАҚОИҚШУНАВ** حقایق‌شنو он ки ба суханони рост гӯш медиҳад.

**ҲАҚОРАТ** *а.* حقارت дашном, таҳқир; **ҳақорат додан (кардан)** дашном додан.

**ҲАҚОРАТОМЕЗ** حقارت‌آمیز таҳқиркунанда; **ҷавоби ҳақоратомез**.

**ҲАҚПАРАСТ** حق پرست 1. тарафдори ҳақиқату адолат, пуштибони ҳақиқат ва адолат. 2. диндор, тақводор, порсо.

**ҲАҚПАРАСТӢ** حق‌پرستی 1. тарафдорӣ, пуштибонии ҳақиқату адолат кардан. 2. диндорӣ, тақводорӣ, порсоӣ.

**ҲАҚРАВӢ** حق‌روی ростͅкорӣ, дурусткорӣ, адлу инсоф.

**ҲАҚТАЛАБ** حق‌طلب он ки музди кор, ҳаққи худро талаб мекунад.

**ҲАҚҶӮ** حق جو ҷӯяндаи ҳақиқат.

**ҲАҚШИНОС** حق شناس он ки ба қадри некии касе мерасад, вафодор, сипосгузор.

**ҲАҚШИНОСӢ** حق شناسی ба қадри некии касе расидан, вафодорӣ, сипосгузорӣ.

**ҲАЛ(Л) I** *а.* حل кушодан, кушода шудан; бартараф кардан, файсал; **ҳалли масъала** файсал ёфтани масъала.

**ҲАЛ(Л) II** *а.* حل об шудани чизе дар дохили чизе (*мас., намак ё доруи хока дар об, хӯрок дар меъда*).

**ҲАЛ(Л) III** *а.* حل хокаи зар (нуқра), ки бо он чизҳоро зарандуд мекунанд ё бо моеи он менависанд; **ҳалл давондан** бо зар (нуқра) андудан болои чизеро.

**ҲАЛАКИШ** هلکیش :**ҳалакиш додан** *гуфт.* 1. киш-киш кардани саг сари касе ё чизе. 2. *маҷ.* касеро тез карда ба касе барангехтан,

**ҲАЛАПАНД** هلپند *кит.* коҳил, танбал, бебанду бар.

**ҲАЛВО** *а.* حلوا хӯрдании ширине, ки аз орд равған ва шира тайёр мекунанд, ширинӣ.

**ҲАЛВОГАР** حلوا گر *ниг.* **ҳалвопаз**.

**ҲАЛВОГАРӢ** حلوا گری *ниг.* **ҳалвопазӣ**.

**ҲАЛВОГАРХОНА** حلواگرخانه коргоҳи ҳалвогар.

**ҲАЛВОӢ** حلوا يی дастовезе аз ширинӣ ва нон, ки ба тӯҳфа мебаранд.

**ҲАЛВОМАҒЗӢ** حلوا مغزی ҳалвое, ки аз мағзи бодом, писта *ва м. ин* омода мешавад.

**ҲАЛВОПАЗ** حلواپز он ки ҳалво мепазад.

**ҲАЛВОПАЗӢ** حلواپزی ҳалво пухтан, касби ҳалвопаз.

**ҲАЛВОТАРОШ** حلواتراش корде, ки дар мавриди тайёр кардани ҳалво истифода мешавад.

**ҲАЛВОФУРӮШ** حلوافروش фурӯшандаи ҳалво.

**ҲАЛВОФУРӮШӢ** حلوافروشی фурӯхтани ҳалво; ҷои фурӯши ҳалво.

**ҲАЛИЛ** *а.* هليل *гуфт.* хуб пухташуда, дампаз (*оид ба* гӯшт).

**ҲАЛИЛА** I *а.* حليله зан, завҷа, зани қонунӣ.

**ҲАЛИЛА** II *а.* هليله *бот.* як навъ растании талхмаззае, ки аз он барои рафъи касалиҳои меъда дору тайёр мекунанд.

**ҲАЛИЛОБ(А)** هليلآب//هليلآبه *хӯр.* як навъ таоме, ки аз обу орд бо иловаи андаке равған ҷиҳати нигоҳдошти қуввату дармон ба маризон медиҳанд.

**ҲАЛИМ** I *а.* حليم одами нармдил, хушхулқ.

**ҲАЛИМ** II *а.* حليم оше, ки аз гандуми пӯстканда ва гӯшт мепазанд, ярма.

**ҲАЛИМӢ** حليمی нармдилӣ, хушхулқӣ.

**ҲАЛИМОНА** حليمانه хушҳолона, мулоимона; бурдборона, таҳаммулкорона.

**ҲАЛИСА//ҲАРИСА** هليسه//هريسه хӯрокест, ки аз ярмаи гандум ва гӯшти пухта тайёр мешавад.

**ҲАЛКУНАНДА** حل كننده асосӣ, муҳим, қатъӣ.

**ҲАЛҚ** *а.* حلق гулӯ; **ҳалқ тар кардан** об хӯрдан.

**ҲАЛҚА** *а.* حلقه 1. ҳар чизи давра ва доирашакл, ки дарунаш холӣ бошад: **ҳалқаи дар.** 2. давра, доира; **ҳалқаи иҳота** доираи муҳосира. 3. гӯшвора. 4. печутоби мӯй; **ҳалқа-ҳалқа** доира-доира, гирд-гирд, гиреҳ-гиреҳ.

**ҲАЛҚАБАНДӢ** حلقه‌بندی ҳалқа андохтан, гиреҳбандӣ; ҳалқа задан (*ба панҷаи паранда ва моҳиҳо*).

**ҲАЛҚАБАГӮШ** حلقه‌بگوش мутеъ, фармонбардор; **ғуломи ҳалқабагӯш.**

**ҲАЛҚАБАРГӮШ** حلقه برگوش *ниг.* **ҳалқабагӯш.**

**ҲАЛҚАВӢ** حلقوی 1. ҳалқагӣ, парҳунӣ. 2. доирашакл, мудаввар; **роҳи ҳалқавӣ** роҳи давродавр.

**ҲАЛҚАВОР** حلقه‌وار доирашакл, ҳалқазада, гиреҳмонанд.

**ҲАЛҚАГӢ** حلقگی *ниг.* **ҳалқавӣ**.

**ҲАЛҚАДАВАК** حلقه‌دوک ҳалқаи нӯги арғамчин, ки вақти аз он ҳалқа гузаронида кашидан арғамчин тез мегузарад.

**ҲАЛҚАДАВОНАК** حلقه‌دوانک *ниг.* **ҳалқадавак**.

**ҲАЛҚАДОР** حلقه دار ҳалқанок, ҳалқа-ҳалқа, аз ҳалқаҳо иборат.

**ҲАЛҚАМОНАНД** حلقه مانند *ниг.* **ҳалқавор**.

**ҲАЛҚАНОК** حلقه ناک *ниг.* **ҳалқадор**.

**ҲАЛҚАПЕЧ** حلقه‌پيچ **:ҳалқапеч кардан** иҳота кардан, давродаври чизеро печонда гирифтан.

**ҲАЛҚАПУШТ** حلقه‌پشت *кит.* 1. пуштхамида. 2. *маҷ.* мутеъ, фармонбардор, банда.

**ҲАЛҚАШАКЛ** حلقه شکل *ниг.* **ҳалқамонанд**.

**ҲАЛҚБИН** حلق بين *тиб.* асбоби муоинаи гулӯ.

**ҲАЛҚӢ** حلقی *мансуб ба* **ҳалқ**; **овози ҳалқӣ** *збш.* овозҳое, ки дар ҳалқ ҳосил мешаванд (чун овози "ҳ").

**ҲАЛҚУМ** حلقوم ҳалқ, гулӯ.

**ҲАЛҚУМӢ** حلقومی *ниг.* **ҳалқӣ**.

**ҲАЛЛ** *а.* حل *ниг.* **ҳал** 1, 2.

**ҲАЛЛОЛ** *а.* حلال кушояндаи гиреҳ, осонкунандаи коре; **ҳаллоли мушкилот** гиреҳкушои мушкилиҳо.

**ҲАЛЛОС** هلاس ҳаллос задан, ҷаҳидан, ҷаҳида гузаштан аз болои чизе.

**ҲАЛОҲИН** هلاهين *кит.* ҳон, огоҳ бош.

**ҲАЛЛОҶ** حلاج касе, ки пахтаро аз пунбадона ҷудо мекунад

**ҲАЛЛОҶИХОНА** حلاجی‌خانه хонаи махсус, ки дар он дастгоҳи ҳаллоҷӣ кор мекунад.

**ҲАЛЛОҶӢ** حلاجی чархи дастӣ барои ҷудо кардани пунба аз пунбадона; **аз ҳаллоҷӣ гузаронидан** *маҷ.* касеро ҳаматарафа таҳқиқу тафтиш кардан.

**ҲАЛОВАТ** *а.* حلاوت ширинӣ, лаззат; ҳузуру ҳаловат, роҳату лаззат; **ҳаловат бурдан** лаззат бурдан аз чизе.

**ҲАЛОВАТБАХШ** حلاوت بخش лаззатбахш.

**ҲАЛОК** *а.* هلاک 1. нест шудан, нобуд шудан,

мурдан дар натиҷаи ягон ҳодисаи баду ногувор. 2. *гуфт.* монда шудан; **ҳалок кардан** а) нобуд кардан, талаф намудан; б) монда кардан касеро бо коре; **ҳалок шудан** а) нобуд шудан, мурдан; б) монда шудан.

**ҲАЛОКАТ** *а.* هلاکت нобуд шудан, талаф шудан, марг (*дар натиҷаи ягон фалокат*).

**ҲАЛОКӢ** هلاکی мондагӣ, касолат.

**ҲАЛОКАТАНГЕЗ** هلاکت‌انگیز несткунанда; марговар; **хатари ҳалокатангез**.

**ҲАЛОКАТОВАР** هلاکت‌آور нобудкунанда, несткунанда, ҳалокгардонанда.

**ҲАЛОЛ** *а.* حلال 1. раво, ҷоиз, иҷозатдода; *муқоб.* **ҳаром**. 2. чизе, ки пок ва хӯрданаш раво бошад; **одами ҳалол** одами пок, ростгӯй ва дурусткор; **нони ҳалол** а) нони бо меҳнат бадастомада; б) *маҷ.* нони чӯпонӣ.

**ҲАЛОЛА** *а.* حلاله ба марди дигар никоҳ кардан зани сеталоқшуда, ки пас аз ҳамхобагӣ ва дубора талоқ гирифтан никоҳи ӯ ба завҷи аввалаш раво мешавад.

**ҲАЛОЛЗОДА** حلال‌زاده 1. фарзанде, ки аз падару модари қонунӣ зоида шудааст. 2. *маҷ.* одами пок, ростқавл, амин.

**ҲАЛОЛКОР** حلال کار дурусткор, бовиҷдон.

**ҲАЛОЛКОРӢ** حلال‌کاری дурусткорӣ, бовиҷдонӣ.

**ҲАЛОЛКОРОНА** حلال‌کارانه дурусткорона, бовиҷдонона.

**ҲАЛОЛӢ** حلالی ҳалол будан аз нуқтаи назари шариат ва қонун, қонунӣ будан; **ба ҳалолӣ** мувофиқи шариат ва қонун; **ҳалолӣ кардан** маросиме, ки барои аз нав ба никоҳ даровардани зани талоқшуда сурат мегирад.

**ҲАЛОЛНАМАКӢ** حلال‌نمکی миннатдорӣ, сипосгузорӣ дар бадали некӣ.

**ҲАЛОҲИЛ** *а.* هلاهل заҳри кушанда.

**ҲАЛПАЗИР** حل پذیر *ниг.* **ҳалшаванда** 1.

**ҲАЛТАЛАБ** حل‌طلب он чи бояд ҳал ва файсал ёбад: **масъалаи ҳалталаб**.

**ҲАЛФО** *а.* حلفا *кит.* гиёҳе, ки аз он бурё (ҳасир) мебофанд.

**ҲАЛҲАЛА** هلهله *кит.* фарёди шодӣ, ғалоғула ва ғавғои шодиомез, ғавғои бо шӯру шавқ ва шодӣ.

**ҲАМ** هم 1. *пайвандак* дигар, ҳамдигар, боз, низ; **аз паҳлӯи ҳам; аз ин ҷо ҳам мегузарем; ҳам... ва ҳам** низ... ва низ; **ҳам инаш ва ҳам онашро мебарем**. 2. *ҷузъи пешини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънии* дар як кор ё чиз шарик будани ду кас ё ду чиз: **ҳамзабон, ҳамкор, ҳамнишин; ба (бо) ҳам** бо якдигар, дар як ҷо, ҳамроҳ.

**ҲАМ(М)** *а.* هم *кҳн.* 1. андӯҳ, ғусса, ғам. 2. обшаванда, маҳлулшаванда. 3. бартарафсозӣ, дурсозӣ.

**ҲАМА** همه *ҷонишини муайянӣ* тамомӣ, ҷумлаи; **ҳама шаб** тамоми шаб; **ҳама одамонро** ҷумлаи одамонро; **ҳамаи мардум ва ашёро**.

**ҲАМАБИН** I همه‌بین чашме, ки доираи бинишаш васеъ аст *сифати чашм*.

**ҲАМАБИН** II همه بین каси доираи бинишаш васеъ, васеъбин.

**ҲАМАБОБ** همه باب боби ҳама, маъқули ҳама.

**ҲАМАВЛОД** هم اولاد *мансуб ба* **авлод** (насл); ба як авлод (насл) тааллуқдошта.

**ҲАМАВЛОДӢ** هم اولادی мутааллиқ ба як авлод (насл) будан.

**ҲАМАГӢ** همگی ҳама, тамомӣ.

**ҲАМАГОН** همگان ҳама, умум; **моли ҳамагон.**

**ҲАМАГОНӢ** همگانی мутааллиқ ба ҳама, умумӣ, саросарӣ.

**ҲАМАГУНА** همه‌گونه ҳар хел, ҳарранг, гуногун.

**ҲАМАДОН** همه دان доно.

**ҲАМАКНУН** هم‌اکنون ҳоло, акнун, дар ҳоли ҳозир.

**ҲАМАКОРА** همه‌کاره он ки ҳама кор аз дасташ меояд; он ки ба ҳама кор мечаспад (*сифати манфӣ*).

**ҲАМАҚИДА** هم عقیده ду нафари дорои як маслаку як ақида, ҳамфикр.

**ҲАМАНДЕШ** هم اندیش ҳамфикр, ҳамақида.

**ҲАМАНДЕШӢ** هم اندیشی ҳамфикрӣ, ҳамақидагӣ.

**ҲАМАПУРСӢ** همه پرسی назархоҳии умумӣ, референдум.

**ҲАМАЛ** *а.* حمل 1. барра, бачаи гӯсфанд. 2. моҳи аввали солшумории шамсӣ (22 март-22 апрел).

**ҲАМАМОҲА** همه ماهه ҳармоҳа, ҳар моҳ.

**ҲАМАНДОЗА** هم اندازه 1. аз рӯи андоза баробар. 2. аз рӯи шакл якхела. 3. мувофиқ, муносиб, мутаносиб.

**ҲАМАНДОМ** هم اندام ҳамафт, одаме, ки ба каси дигар бисёр монанд бошад.

**ҲАМАРЗ** I هم ارز арзиши якхела доштан, ҳамарзиш.

**ҲАМАРЗ** II همعرض фарохӣ ва васеии якхела дошта.

**ҲАМАРЗИШ** هم ارزش арзиши ягона дошта, баробараҳамият, баробарқимат.

**ҲАМАРЗИШӢ** همارزشی арзиши якхела доштан, баробараҳамиятӣ, баробарқиматӣ.

**ҲАМАРЗӢ** هم ارزی *ниг.* **ҳамарзишӣ**.

**ҲАМАРӮЗА** همه روزه ҳаррӯза.

**ҲАМАСОЛА** همه ساله ҳарсола, солона.

**ҲАМАСР** هم عصر муосир, ҳамзамон.

**ҲАМАТАН** همه تن *кит.* аз сар то по, тамоман, комилан.

**ҲАМАТАРАФА** همه طرفه 1. аз ҳар тараф; **ҳаматарафа фикр кардан** ҳама ҷониби корро мулоҳиза кардан. 2. ҳамаро дарбаргиранда, ҷомеъ; **дар ин кор дониши ҳаматарафа лозим аст**.

**ҲАМАФАҲМ** همه فهم 1. донанда ва фаҳмандаи ҳама чиз. 2. барои ҳама фаҳмо, оммафаҳм; **забони содаи ҳамафаҳм, калима ва иборахои ҳамафаҳм.**

**ҲАМАҶОГАРД** همه جا گرد ҳарҷогард.

**ҲАМАҶОНИБА** همه جانبه *ниг.* **ҳаматарафа**.

**ҲАМАҶОЯ** همهجایه 1. ҳарҷой, умумӣ. 2. ҳамаҷо, дар ҳама ҷо, дар ҳар макон.

**ҲАМБАЗМ** هم بزم ҳамтабақ.

**ҲАМБАНД** همبند дар як банд буда, бандиёне, ки дар як зиндон ва бандихона будаанд.

**ҲАМБАНДӢ** همبندی *мансуб ба* **ҳамбанд**; ҳамбанд будан.

**ҲАМБАР** همبر баробар, қарин; монанд, назир.

**ҲАМБАРӢ** همبری баробарӣ, қаринӣ; монандӣ, ҳамназир; баробарӣ аз рӯи фарохӣ, васеӣ.

**ҲАМБАСТА** هم بسته дорои як таркиб; вобаста бо ҳам; алоқаманд.

**ҲАМБАСТАГӢ** هم بستگی алоқа, робита.

**ҲАМБАТН** همبطن ҳамшикам, модаряк, таваллудшуда аз як модар.

**ҲАМБИСТАР** هم بستر зан нисбат ба шавҳар ва шавҳар нисбат ба зан.

**ҲАМБОЗ** هم باز ҳамто, ҳариф.

**ҲАМБОЗӢ** همبازی бо якдигар дар ҳоли бозӣ будан, ҳарифӣ.

**ҲАМБОЛИН** هم بالين *ниг.* **ҳамбистар**.

**ҲАМБОЛӢ** همبالی ҳампарвозӣ, ҳамроҳӣ дар паридан.

**ҲАМБОЛО** هم بالا *ниг.* **ҳамқад**.

**ҲАМБОЛОЙ** همبالایی ҳамқадӣ, қаду қомати якхела доштан.

**ҲАМВАЗН** هم وزن ду чизи аз ҷиҳати вазн бо ҳам баробар.

**ҲАМВАТАН** هم وطن нисбати ду нафари дар як маҳал зоидашуда ба ҳамдигар.

**ҲАМВАТАНӢ** هم وطنی аз як ватан будан.

**ҲАМВИЛОЯТ** هم ولايت *ниг.* **ҳамватан**.

**ҲАМВИСОҚ** هموثاق *кит.* 1. ҳамхона, ҳамманзил. 2. ҳамбистар, ҳамхоба; мард, ҳамсар, зан. 3. ҳамсоя, ҳамҳуҷра.

**ҲАМВОР** هموار 1. мусаттаҳ, тахт; **ҳамвор кардан** тахт ва мусаттаҳ кардан. 2. ба як қарор, мавзун; **ҳамвор ҳаракат кардан**.

**ҲАМВОРА** همواره ҳамеша, пайваста, пай дар пай, доим.

**ҲАМВОРГАРД** هموارگرد он ки ё он чи ором ҳаракат мекунад; муназзам, мавзун раванда.

**ҲАМВОРӢ** همواری мусаттаҳӣ; замини тахти тенис.

**ҲАМВОРКӮҲ** هموارکوه паҳнкӯҳ, пуштакӯҳ.

**ҲАМВОРСОЗӢ** هموارسازی тахт кардан, баробар кардан.

**ҲАМГАВҲАР** همگوهر ҳамзод, ҳамавлод, аз як дудмон, дорои як оин; ҳамасл, ҳамзот, ҳамнажод.

**ҲАМГАП** همگپ мусоҳиб, ҳамсӯҳбат; **ҳамгап шудан** (*бо касе*) бо касе сӯҳат кардан, бо касе шинос шудан.

**ҲАМГАР** همگر бофанда, руфӯгар, пинадӯз.

**ҲАМГАРДАН** همگردن *кит.* ҳамкор, шарик.

**ҲАМГАРӢ** همگری бофандагӣ, руфӯгарӣ, пинадӯзӣ.

**ҲАМГИНОН** همگینان ҳама, ҳамагӣ; ҳамчинсон, ҳамкорон.

**ҲАМГИР** همگیر бо ҳам вохӯранда, бо ҳам дучоршаванда.

**ҲАМГИРО** همگیرا дарбаргирандаи якчанд соҳа, фарогирандаи чанд самту мазмун; **таълими ҳамгиро** таълим бо фарогирии ду ва бештар фан.

**ҲАМГИРОӢ** همگیرایی якҷоя кардан, бо ҳам омадан; **ҳамгироии иқтисодӣ**.

**ҲАМГУЗАР** هم گذر нисбати ду нафари дар як гузар зиндагикунанда ба ҳамдигар, ҳаммаҳалла.

**ҲАМГУН(А)** همگون//همگونه *ниг.* **ҳамранг**.

**ҲАМГУНӢ** همگونی *ниг.* **ҳамрангӣ**.

**ҲАМГУНСОЗӢ** همگون سازی яккхелакунӣ, ба як шакл даровардан, як хел кардан.

**ҲАМГУРӮҲ** همگروه 1. мутааллиқ ба як гурӯҳ. 2. ҳамроҳ, якҷоя. 3. муттафиқона.

**ҲАМГУРӮҲА** همگروهه *ниг.* **ҳамгурӯҳ**.

**ҲАМГӮША** همگوشه 1. ҳамсоя. 2. баробар, ягона, ҳамҷинс.

**ҲАМГӮШТ** همگوشت рафиқ, шарик, пуштибони ҳамдигар; пайваст, муттаҳид.

**ҲАМД** *а.* حمد ситудан, ситоиш, сипос; **ҳамду сано** ситоиши бисёр.

**ҲАМДАВРА** هم دوره *ниг.* **ҳамаср**.

**ҲАМДАМ** همدم ҳамнафас, дӯсти бисёр наздик, ҳамнишин.

**ҲАМДАМӢ** همدمی ҳамнафасӣ, дӯстии бисёр наздик доштан, ҳамнишинӣ.

**ҲАМДАРД** همدرد он ки шарики ғаму дарди дигарӣ бошад, ду нафаре, ки ба як дард ё кулфат дучоранд.

**ҲАМДАРДӢ** همدردی ба ғаму дарди касе шарик будан; **ҳамдардӣ изҳор кардан** ба сабаби рӯй додани мусибате касеро дилбардорӣ кардан.

**ҲАМДАРДОНА** همدردانه хайрхоҳона, бошафқатона, дилсӯзона.

**ҲАМДАРС** همدرس нисбати ду нафаре, ки дар як ҷо дарс мехонанд ё хондаанд, шарикдарс.

**ҲАМДАРСӢ** همدرسی ҳамдарс будан, ҳамсинфӣ.

**ҲАМДАСТ** هم دست шарик ва ҳамроҳ дар коре; ду нафаре, ки кореро якҷоя ба ҷо меоранд; **ҳамдаст шудан** *(бо касе)* рафиқ, ҳамкор шудан бо касе.

**ҲАМДАСТӢ** همدستی мадад ва ёрӣ ба ҳамдигар дар иҷрои коре, ҳамкорӣ.

**ҲАМДАСТОН** هم دستان *ниг.* **ҳамдостон**.

**ҲАМДЕҲА** هم دهه ду нафари сокини як деҳа, ҳамқишлоқ.

**ҲАМДИГАР** همدیگر яке бо дигаре, якдигар; **бо ҳамдигар** яке бо дигаре.

**ҲАМДИГАРӢ** همدیگری бо ҳамдигар будан, муносибати ҳамдигарӣ.

**ҲАМДИГАРФАҲМӢ** همدیگرفهمی бо ҳамдигар муросо кардан, ҳамдигарфаҳм будан.

**ҲАМДИЁР** هم دیار *ниг.* **ҳамватан**.

**ҲАМДИЛ** همدل дорои як маслак ва маром; муттафиқ.

**ҲАМДИЛӢ** همدلی якдилӣ, дар фикру ақида бо ҳам шарик ва муттафиқ будан.

**ҲАМДИН** همدین пайрави як дин, онҳое, ки ба як дин эътиқод доранд.

**ҲАМДОМОН** همدامان яке аз онҳое, ки ду хоҳарро ба занӣ гирифтаанд, боҷа.

**ҲАМДОСТОН** همداستان *кит.* ҳамкор, ҳамақида, шарик, улфат.

**ҲАМДОСТОНӢ** همداستانی *кит.* ҳамкорӣ, ҳамақидагӣ, шарикӣ, улфатӣ.

**ҲАМДУНА** *а.* حمدونه маймун, бӯзина.

**ҲАМДУРУД** هم درود ду ё якчанд кас, ки ба ҳамдигар ҳамсалом ҳастанд 2. *маҷ.* ду ё якчанд каси бо ҳам ошно.

**ҲАМДӮКОН** هم دوکان 1. он ки бо дигаре дар як дӯкон кор мекунад. 2. *маҷ.* ҳамнишин, қарин, дӯсти наздик.

**ҲАМДӮШ** همدوش 1. ду нафари ба қаду баст бо ҳам баробар. 2. баробар, шарик, ҳамкор.

**ҲАМДӮШӢ** همدوشی баробарӣ, шарикӣ, ҳамкорӣ.

**ҲАМЕ** همی *кит. пешванд ва пасванди феълие, ки бо феълҳо омада* давомнокии амалро ифода мекунад.

**ҲАМЕДУН** همیدون *кит.* 1. инчунин, ҳамчунин. 2. акнун, ҳоло, дарҳол.

**ҲАМЕЛ** *а.* حمیل чизҳои ба ришта кашидашуда.

**ҲАМЕША** همیشه доимо, ҳамавақт, ҳамвора.

**ҲАМЕШАБАҲОР** همیشه‌بهار 1. гулест зардранги кӯтоҳпоя. 2. *маҷ.* доим шукуфон, сабзу хуррам: **диёри ҳамешабаҳор**.

**ҲАМЕШАГӢ** همیشگی доимӣ; одати ҳамешагӣ, ба таври доимӣ.

**ҲАМЕШАСАБЗ** همیشه‌سبز ҳамешабаҳор: **рустаниҳои ҳамешасабз**.

**ҲАМЕШАҲОЗИР** همیشه‌حاضر ҳамеша омода, ҳамеша ҳузурдошта.

**ҲАМЁН** همیان 1. халтачае, ки ба он пул андохта ба миёнбанд мебастанд, пулхалта. 2. асбоби чандварақаи кисагӣ, ки дар он пул, муаррифинома (визитка) ва дигар коғазҳои тунукро нигоҳ медоранд. 3. камарбанд, эзорбанд.

**ҲАМЁРӢ** همیاری ҳамдигарфаҳмӣ, ёрии (дастгирии) ҳамдигарӣ, муовинат; **Шӯрои ҳамёрии иқтисодӣ**.

**ҲАМЗА** I همزه яке аз аломатҳои хати арабӣ, ки сактаро ифода мекунад ва ба шакли нишон дода мешавад.

**ҲАМЗА** II *а.* حمزه 1. *кит.* тартезак, як навъ алафи тундмазаи хӯрданӣ. 2. номи амаки Муҳаммади пайғамбар (с), ки яке аз нахустин муҷоҳидон буд.

**ҲАМЗАБОН** هم زبان 1. касоне ки дар як забон гап мезананд. 2. ба як забон, забон як карда; муттафиқ.

**ҲАМЗАБОНӢ** هم زبانی 1. умумӣ, забони ягона доштан. 2. *маҷ.* муттафиқӣ, ягонагӣ.

**ҲАМЗАМОН** همزمان зиндагикунанда дар як замон, муосир.

**ҲАМЗИСТӢ** همزیستی дар як замон ва дар як ҷо зистан бо ҳам; **ҳамзистии мусолиматомез** бо ҳам дар як ҷо, бо сулҳу мусоламат зиндагӣ кардан.

**ҲАМЗОД** همزاد 1. ҳамсин, ҳамсол. 2. ду бачаи аз як батн зоидашуда.

**ҲАМЗОНУ** همزانو 1. ҳамнишин. 2. *маҷ.* ҳамсӯҳбат.

**ҲАМЗОТ** همذات *ниг.* **ҳамгавҳар**.

**ҲАМЗӮР** همزور онҳое, ки зури нерӯ ва қувваташон ба ҳам баробар аст, баробарқувват.

**ҲАМИД** *а.* حمید *кит.* писандида, хуб, нек, сутуда.

**ҲАМИДА** *а.* حمیده *муаннаси* **ҳамид**.

**ҲАМИМ** *а.* حمیم *кит.* 1. оби гарм, ба вижа оби гарми ногувори дӯзах. 2. бисёр самимӣ, содиқ.

**ҲАМИ(Й)ЯТ** *а.* حمیت ғайрат, орият, нангу ор.

**ҲАМИН** همین *ҷонишини ишоратӣ* ишора ба чизи наздик – ин, худи ин **ҳамин ки** вақте ки, дар баробари...: **ҳамин ки дидед, ҷеғ занед**.

**ҲАМИНРӮЗ(А)** همین روزه имрӯза.

**ҲАМИНҶО(Й)Ӣ** همین جایی бумӣ, ватандор.

**ҲАМИНШАБА** همین شبه мутааллиқ ба ҳамин шаб.

**ҲАМИРС** هم ارث ҳаммерос.

**ҲАМКАСБ** هم کسب ду нафаре, ки бо касбу кори якхела машғуланд.

**ҲАМКАСБӢ** هم کسبی умумияти касбӣ, якхела будани навъи фаъолият.

**ҲАМКЕШ** هم کیش *ниг.* **ҳаммазҳаб**.

**ҲАМКЕШӢ** هم کیشی *ниг.* **ҳаммазҳабӣ**.

**ҲАМКИСА** هم کیسه *ниг.* **ҳамкоса** 2.

**ҲАМКИТФ** هم کتف *ниг.* **ҳамдӯш**.

**ҲАМКОР** همکار ду нафаре, ки як касбу пеша доранд, рафиқи корӣ, ҳамкасб.

**ҲАМКОРӢ** همکاری кор ва фаъолияти якҷоя; дастгирии кори якдигар.

**ҲАМКОСА** هم کاسه **1.**ҳамтабақ. 2. *маҷ.* шарик, рафиқ, дӯсти наздик.

**ҲАМКУРС** هم کورس нисбати донишҷӯёни як курси мактаби олӣ ба ҳамдигар, ҳамҷамоа.

**ҲАМҚАБИЛА** هم قبیله мансубони як қабила.

**ҲАМҚАВМ** هم قوم *ниг.* **ҳамқабила**.

**ҲАМҚАД** هم قد ду нафари дар қад бо ҳам баробар; ҳамсол.

**ҲАМҚАДАМ** هم قدم нисбати касоне, ки роҳеро якҷоя мепаймоянд, шарики сафар, ҳамроҳ; **ҳамқадами замон**.

**ҲАМҚАДАМӢ** هم قدمی ҳамроҳӣ, ҳамсафарӣ, ҳамсафӣ; баробарӣ.

**ҲАМҚАДАҲ** هم قدح нисбати ду нафаре, ки дар як ҷо май ба ҳамдигар менӯшанд.

**ҲАМҚАЛАМ** هم قلم **1.**ду нафаре, ки дар навиштани як асар ё мақола ширкат варзидаанд. 2. *маҷ.* ҳамкасб, ҳампеша.

**ҲАМҚАРИН** هم قرین бо ҳам наздик; дӯст, шарик.

**ҲАМҚАТОР** هم قطار *ниг.* **ҳамсаф**.

**ҲАМҚИРОН** همقران *кит.* наздик, ҳамроҳ; ҳамсоя.

**ҲАМҚИСМАТ** هم قسمت касоне, ки қисмат ва тақдирашон як аст.

**ҲАМҚИШЛОҚ(Ӣ)** هم قشلاق//هم قشلاقی нисбати зода ва бошандагони як қишлоқ ба якдигар.

**ҲАМҚОФИЯ** هم قافیه шеъри дар як қофия гуфташуда.

**ҲАМЛ** *а.* حمل 1. аз ҷое ба ҷои дигар бурдан ё кашондани касе ё чизе: **ҳамлу нақл**. 2. *маҷ.* ҳомилагии зан; бордории дарахт.

**ҲАМЛА** *а.* حمله ҳуҷум, тохт; **ҳамла кардан (овардан)** ҳуҷум кардан.

**ҲАМЛАГАР** حمله گر ҳуҷумовар, ҳуҷумкунанда.

**ҲАМЛАОВАР** حمله آور ҳамлакунанда, ҳуҷумоваранда.

**ҲАМЛАФЗ** هم لفظ *ниг.* **ҳамзабон** 1.

**ҲАМЛАХТ** هم لخت *кит.* 1. мӯза, кафш. 2. чарми зери кафш, тагчарм.

**ҲАМЛКУНАНДА** حمل کننده он ки мол мекашонад, кашонандаи бор, ҳаммол.

**ҲАММАЗМУН** هم مضمون ду асари дорои як мазмун.

**ҲАММАЗҲАБ** هم مذهب ҳамдин, ҳамойин.

**ҲАММАЗҲАБӢ** هم مذهبی ҳамдинӣ, ҳамойинӣ.

**ҲАММАКТАБ** هم مکتب нисбати рафиқоне, ки дар як мактаб дарс мехонанд, рафиқи мактабӣ.

**ҲАММАНЗИЛ** هم منزل ду ё якчанд кас, ки бо ҳам дар ҷое истиқомат мекунанд, ҳамхона.

**ҲАММАНСАБ** هم منصب вазифаи якхела дошта, рутба ё мартабаи якхела дошта.

**ҲАММАРЗ** هم مرز *ниг.* **ҳамҳудуд**.

**ҲАММАРКАЗ** هم مرکز *риёз.* дорои мар-кази умумӣ.

**ҲАММАРКАЗОНӢ** هممرکزانی *тех.* умумӣ гардонидани марказ; мутамарказонӣ.

**ҲАММАРТАБА** هم مرتبه 1. баробар аз рӯи мартаба ва вазифа. 2. баробар аз рӯи эътибор, қадру қимату манзалат.

**ҲАММАРТАБАГӢ** هم مرتبگی 1. баробар будан аз рӯи мартаба, вазифа. 2. баробарэътиборӣ, баробарқадрӣ.

**ҲАММАСЛАК** هم مسلک дорои як ақида ва як маром.

**ҲАММАСЛАКӢ** هممسلکی ҳамақидагӣ, ҳаммаромӣ.

**ҲАММАХРАҶ** هم مخرج 1. *риёз.* касрҳое, ки махраҷи умумӣ доранд. 2. *збш.* овозҳое, ки артикулятсияи умумӣ (якхела) доранд.

**ҲАММАҲАЛЛА** هممحله аз як маҳалла будан, аз як ҷо будан.

**ҲАММАҲАЛЛӢ** هم محلی касоне, ки дар як маҳалла зиндагӣ мекунанд.

**ҲАММАШРАБ** هم‌مشرب 1. ҳамхислат. 2. ҳамақида.

**ҲАММАЪНО** هم‌معنا *збш.* дорои як маънӣ, муродиф.

**ҲАММАЪНОӢ** هم‌معنایی *збш.* якмаъноӣ, муродифӣ.

**ҲАММЕҲАН** هم میهن *ниг.* **ҳамватан**.

**ҲАММЕҲАНӢ** هم میهنی *ниг.* **ҳамватанӣ**.

**ҲАММИЛЛАТ** هم ملت ду каси мансуб ба як миллат.

**ҲАММИЛЛАТӢ** هم ملتی мансубият ба як миллат, аз як миллат будан.

**ҲАММОЛ** حمال боркаш, борбардор, борбар.

**ҲАММОЛӢ** حمالی борбарӣ, боркашӣ, борбардорӣ бар дӯши худ.

**ҲАММОМ** حمام ҷое, ки дар он шустушӯ мекунанд, гармоба.

**ҲАММОМӢ** حمامی соҳиби ҳаммом, ходими ҳаммом.

**ҲАММОМЧӢ** حمامچی *гуфт., ниг.* **ҳаммомӣ**.

**ҲАММОНАНД** هم‌مانند монанд, шабеҳ, мушобеҳ, ҳамонанд.

**ҲАММОНАНДӢ** هم مانندی монандӣ, шабеҳӣ, мушобеҳат, ҳамонандӣ.

**ҲАММУАЛЛИФ** هم مؤلف шарик дар таълифи асар.

**ҲАММУАЛЛИФӢ** هم مؤلفی шарикӣ дар таълифи асаре.

**ҲАММУСОБИҚА** هم مسابقه ду кас (ё ду гурӯҳ), ки бо якдигар мусобиқа доранд.

**ҲАМНАБАРД** هم نبرد нисбати ду нафаре ба якдигар, ки дар як ҷо меҷанганд, ҳаммайдон.

**ҲАМНАВАРД** هم‌نورد ҳамсаф, ҳамнабард, ҳамкор.

**ҲАМНАВОЛА** هم نواله *ниг.* **ҳамкоса** 1.

**ҲАМНАВО** هم نوا ҳамдард, ҳамфикр; ҳамовоз.

**ҲАМНАВОЗ** همنواز ҳамнаво, он ки дар иҷрои мусиқие ё суруде бо дигарон ҳамнавоз мешавад.

**ҲАМНАВОЗӢ** همنوازی ҳамнавоз будан, бо ҳам иҷро кардан таронае омехтан.

**ҲАМНАВЪ** هم نوع *ниг.* **ҳамҷинс**.

**ҲАМНАВЪӢ** هم نوعی *ниг.* **ҳамҷинсӣ**.

**ҲАМНАЖОД** هم نژاد 1. аз як нажод. 2. ҳамқабила, ҳамтоифа.

**ҲАМНАЗАР** هم نظر дид ва ақидаи монанд доштан, ҳамақида, ҳамандеша.

**ҲАМНАҚШ** هم نقش ба ҳам монанд, шабеҳ, ҳамназир.

**ҲАМНАМАК** هم نمک ҳамнону намак; тарафҳои нону намакхӯрда.

**ҲАМНАРХ** هم نرخ қимат ва арзиши якхела дошта.

**ҲАМНАФАС** هم نفس ҳамдам, дӯст, дӯсти наздик.

**ҲАМНИҲОД** هم نهاد *ниг.* **ҳамтинат**.

**ҲАМНИШАСТ** هم نشست *ниг.* **ҳамнишин**.

**ҲАМНИШИН** همنشین ҳамдам, ҳамсӯҳбат, рафиқ.

**ҲАМНИШИНӢ** همنشینی ҳамдамӣ, ҳамсӯҳбатӣ, рафиқӣ.

**ҲАМНОМ** همنام ду нафаре, ки айни як номро доранд.

**ҲАМНОМӢ** همنامی номи якхела доштан.

**ҲАМОВАРД** هم‌آورد *кит.* рақиб, мухолиф, ҳариф.

**ҲАМОВЕЗ** هم‌آویز *кит.* ҳамнабард, ҳариф; ҳамто.

**ҲАМОВО** هم‌آوا *ниг.* **ҳамовоз**.

**ҲАМОВОЗ** هم‌آواز ҳамоҳанг, ҷӯр; мувофиқ, ҳамраъй; **ҳамовоз шудан (будан)** а) ҳамоҳанг шудан, ҷӯр шудан (*дар мусиқӣ*); б) муттафиқ ва ҳамраъй шудан.

**ҲАМОВОЗӢ** هم‌آوازی 1. ҷӯрӣ ва ҳамоҳангӣ. 2. ҳамраъйӣ, мувофиқат.

**ҲАМОВОӢ** هم آوائی *ниг.* **ҳамовозӣ**.

**ҲАМОҒӮШ** هم‌آغوش ду нафар, ки даст дар гардани якдигар андохта бошанд, ҳамдигарро дар бағал карда; **ҳамоғӯш**

**шудан** якдигарро дар бағал гирифтан.

**ҲАМОҒӮШӢ** همآغوشی дар оғӯши якдигар будан, дар ҳам омехта будан; якҷо будан.

**ҲАМОИЛ** *а.* حمایل 1. овезон, банде, ки бо вай шамшерро аз гардан овезанд. 2. шаддаи ҷавоҳирот, марҷон *ва г.* ки аз гардан овезанд; **ҳамоил кардан** овехтан.

**ҲАМОИШ** همایش даври ҳам ҷамъ шудани касоне дар ҷое барои анҷоми амре, гирдиҳамоӣ.

**ҲАМОӢ** همایی ҳамоянд будан, бо ҳам омадани ду кас ё ду чиз дар канори ҳам.

**ҲАМОҚАТ** *а.* حماقت аҳмақӣ, беақлӣ.

**ҲАМОЛ** همال **1.** қарин, ҳамнишин, дӯст, ҳамкор. 2. ҳамто, назир, монанд.

**ҲАМОМ** *а.* حمام кабӯтар**.**

**ҲАМОМА** حمامه *кит.* 1. як кабутар; кабӯтар; 2. *маҷ.* соҳибҷамол, зани зебову хушрӯй.

**ҲАМОМӮЗ** همآموز ҳамдарс, якҷоя омӯхтани коре ё касбе.

**ҲАМОМӮЗӢ** هم آموزی ҳамдарсӣ, бо ҳам хондан, хондан ва таҳсили якҷоя, ҳамомӯз будан.

**ҲАМОМЕЗӢ** هم آمیزی алоқаи ҷинсӣ, ҷимоъ.

**ҲАМОН** همان 1. *ҷонишини ишоратӣ* он, худи он (ишора ба чизи дур). 2. *кӯтоҳшуда аз* **ҳам он**: филфаврӣ, вақт нагузаронида.

**ҲАМОНАНД** همانند *ниг.* **ҳаммонанд**.

**ҲАМОНАНДӢ** همانندی *ниг.* **ҳаммонандӣ**.

**ҲАМОНО** همانا 1. гумони ғолиб аст, ки..., гӯӣ, пиндорӣ; **ҳамоно ин корро кардаанд**. 2. дарҳол; **гузаштан ҳамоно** дарҳол баъди гузаштан.

**ҲАМОНСОН** همان سان ҳамонтавр, чунон ки...

**ҲАМОРА** هماره *ниг.* **ҳамвора**.

**ҲАМОСА** *а.* حماسه эпос, асари эпикӣ.

**ҲАМОСАВӢ** حماسوی шеъри размӣ, эпикӣ.

**ҲАМОСАСАРОӢ** حماسه‌سرایی шоире, ки шеъри размӣ мегӯяд.

**ҲАМОХӮР** هم آخور *гуфт.* ҳампоя, он ки бо дигаре дар як сатҳу як рутба қарор дорад.

**ҲАМОҲАНГ** هماهنگ мувофиқ, бо ҳамсоз, ҷӯр; **ҳамоҳанг шудан** мувофиқат кардан, ҷӯр шудан (*дар суруд, наво*).

**ҲАМОҲАНГӢ** هماهنگی ҳамнавоӣ, ҷӯр будан; мувофиқӣ, ҳамсозӣ.

**ҲАМОҲАНГСОЗ** هماهنگ‌ساز мутобиқсоз, мувофиқкунанда.

**ҲАМОҲАНГСОЗӢ** هماهنگ‌سازی мутобиқсозӣ, мувофиқ кардан.

**ҲАМОШ** هماش касоне, ки бо ҳам якҷоя ош (хӯрок) пухта мехӯранд, ҳамтабақ, шарик.

**ҲАМОШЁН** همآشیان 1. дар як лона зиндагикунанда (парандагон). 2. сокинони як хона.

**ҲАМОШЁНА** هم آشیانه ҳамсоя (*дар қабат*).

**ҲАМОЯНД** همایند хусусияти ду ё чанд усуле, ки якҷоя истифода мешаванд.

**ҲАМПАЙВАНД** همپیوند якҷоя, вобаста, бо ҳам аз як пайванд будан, хешу табор.

**ҲАМПАЙВАНДӢ** هم پیوندی ба ҳам якҷоя будан, вобаста будан, пайваст будан, тавъам будан; хешиву таборӣ.

**ҲАМПАЙМОН** هم پیمان 1. ду нафар (ё тараф), ки бо ҳам аҳду паймон бастаанд, шарик дар шартнома. 2. иттифоқӣ, иттифоқчии ширкаткунанда дар шартнома.

**ҲАМПАЙМОНӢ** هم پیمانی иттифоқ, иттиҳод.

**ҲАМПАНҶА** هم پنجه он ки бо каси дигар ба зӯрозмоӣ даромадааст, ҳариф.

**ҲАМПАНҶАГӢ** همپنجگی ҳамдастӣ, баробарӣ, зӯрозмоӣ бо ҳамдигар, ҳарифӣ**.**

**ҲАМПАР** هم پر он ки бо дигаре ҳамроҳ парад, ҳампарвоз; *маҷ.* баробар

**ҲАМПАРВОЗ** همپرواز бо ҳам паридан, ҳамбол.

**ҲАМПАРВОЗӢ** همپروازی ҳампарвоз будан, ҳамболӣ.

**ҲАМПАҲЛУ** هم پهلو :**ҳампаҳлу рафтан** бо ҳам паҳлу ба паҳлу роҳ рафтан.

**ҲАМПЕША** هم پیشه *ниг.* **ҳамкасб**.

**ҲАМПЕШАГӢ** هم پیشگی *ниг.* **ҳамкасбӣ**.

**ҲАМПИЁЛА** هم پیاله ҳамнишин дар майнӯшӣ; *маҷ.* дӯст ва рафиқи самимӣ шудан.

**ҲАМПО(Й)** (همپا(ی ҳамроҳ, бо ҳам баробар; **ҳампо шудан** ҳамроҳ рафтан.

**ҲАМПОЯ** همپایه ҳаммартаба, ду нафаре, ки дар мартаба ва мақом баробаранд; баробар.

**ҲАМПУШТӢ** همپشتی аз якдигар пуштибонӣ ва ҳимоя кардан, бо ҳам муттаҳид ва якҷоя шудан.

**ҲАМРАВ** همرو рафиқ, ҳамсафар, ҳамроҳ.

**ҲАМРАДИФ** همردیف **1.**баробар, ҳампаҳлӯ, дар як қатор раванда. 2. *адш.* дорои радифи ягона.

**ҲАМРАЗМ** همرزم бо ҳам ҷанганда, душман, ҳариф.

**ҲАМРАНГ** همرنگ чизҳои дорои як ранг; монанд, шабеҳ.

**ҲАМРАНҶ** همرنج он ки бо дигаре як ранҷ мекашад.

**ҲАМРАҲ** هم ره *ниг.* **ҳамроҳ**.

**ҲАМРАЪЙ** همرأی дорои як фикр ва маром, доштани фикру ақидаи ба ҳам мувофиқ, доштани нуқтаи назари ягона дар масъалае.

**ҲАМРИКОБ** هم رکاب ҳамсафари савора.

**ҲАМРИШТА** همرشته ҳамсаф, ҳамрадиф, ҳамкор, ҳамкасб.

**ҲАМРОЗ** همراز роздон, маҳрами асрор; ду нафаре, ки рози дили худро ба ҳам мегӯянд.

**ҲАМРОЙ** هم رای *ниг.* **ҳамраъй**.

**ҲАМРОҲ** همراه 1. ду касе, ки ба як роҳ меравand, ҳамсафар. 2. дар як ҷо, бо ҳам; **ҳамроҳи ӯ омад**. 3. шарик; **ҳамроҳи ӯ ҳам дар ҳамин кор буд; ҳамроҳи худ** бо худ; **ҳамроҳ шудан** а) як шудан, дохил шудан; б) илова шудан, зам шудан.

**ҲАМРОҲАК** همراهک *тиб.* рудапайвасте, ки бо навзод аз батни модар мебарояд.

**ҲАМРОҲӢ** همراهی 1. якҷояги, шарокат; **ҳамроҳӣ кардан** иштирок кардан. 2. ҳамовоз шудан (*дар суруд бо касе*), якҷоя амал кардан (бо касе). 3. *грам.* : **алоқаи ҳамроҳӣ**.

**ҲАМРУТБА** هم رتبه *ниг.* **ҳаммартаба**.

**ҲАМРӮЗГОР** هم روزگار *ниг.* **ҳамаср**.

**ҲАМРӮЙ** هم روی ду чизи воқеъ дар як савия, баробар бо чизе, сатҳан баробар.

**ҲАМСАБАҚ** هم سبق *ниг.* **ҳамдарс**.

**ҲАМСАДО** هم صدا 1. *ниг.* **ҳамовоз**. 2. *збш.* яке аз гурӯҳҳои овозҳо, ки ҳангоми тавлид гаштан ба монеа дучор меоянд; *муқоб.* **садонок**.

**ҲАМСАНГ** همسنگ баробарвазн; ду чизи ё каси бо ҳам баробар (*дар мақом ва мартаба*).

**ҲАМСАНГАР** همسنگر чанд нафар, ки дар як сангар ва дар канори ҳам биҷанганд; ҳамразм, ҳамяроқ.

**ҲАМСАР** همسر 1. баробар, ҳамқаду баст. 2. завҷ, завҷа, ҷуфт, зан ё шавҳар нисбат ба ҳамдигар.

**ҲАМСАРӢ** همسری баробар, якхела, баробармартаба; ҷуфтӣ, заношӯӣ.

**ҲАМСАРО(Й)** همسرا(ی *кит.* дар як ҷо истиқоматкунанда, ҳамхона, ҳамманзил.

**ҲАМСАРҲАД** هم سرحد *ниг.* **ҳамҳудуд**.

**ҲАМСАТҲ** هم سطح баробар, якхела, баробармартаба.

**ҲАМСАФ** هم صف ҳамкор, ҳамқатор.

**ҲАМСАФАР** هم سفر ҳамроҳ, шарики сафар.

**ҲАМСАФАРӢ** هم سفری ҳамроҳӣ, шарикӣ дар сафар.

**ҲАМСАФИР** هم صفیر *кит.* ҳамовоз, ҳамсадо.

**ҲАМСИН(Н)** هم سن ду нафаре, ки дар як сол таваллуд ёфтаанд, ҳамсол.

**ҲАМСЕЛА** هم سیله аз як тӯда, гала, села (*оид ба паранда ва ҳайвонот*).

**ҲАМСИЛК** هم سلک *ниг.* **ҳаммаслак**.

**ҲАМСИЛОҲ** هم سلاح чанд нафар, ки дар як қисми низомӣ меҷанганд; ҳамнабард.

**ҲАМСИННУСОЛ** هم سن وسال *ниг.* **ҳамсол.**

**ҲАМСИНФ** هم صنف шарики дарс, ҳамдарс.

**ҲАМСОЗ** همساز шарик, ҳамдаст, ҳамоҳанг, созгор.

**ҲАМСОЗӢ** همسازی шарикӣ, ҳамдастӣ, ҳам-

оҳангӣ, созгорӣ.

**ҲАМСОЛ** همسال ду нафари дар синну сол баробар.

**ҲАМСОН** همسان ҳаммонанд, мисли ҳам.

**ҲАМСОНӢ** همسانی ҳаммонандӣ, мисли ҳам будан.

**ҲАМСОҲА** همساحه *мансуб ба* **як соҳа** (*мас., дар саноат*).

**ҲАМСОЯ** همسایه ду касе ки дар паҳлӯи ҳамдигар хона доранд.

**ҲАМСОЯГӢ** همسایگی ҳамсоя будан; **муносибатҳои неки ҳамсоягӣ**.

**ҲАМСОЯГУЗАР** همسایه‌گذر кӯчаҳои ҳамсоя ва ба ҳам наздик.

**ҲАМСОЯЗАМИН** همسایه‌زمین ду қитъа замини воқеъ дар паҳлӯи ҳам.

**ҲАМСОЯҚИШЛОҚ** همسایه‌قشلاق деҳаҳои ҳамсоя ва ба ҳам наздик.

**ҲАМСУХАН** هم سخن *ниг.* **ҳамсӯҳбат**.

**ҲАМСУФРА** همسفره ҳамхӯрок, ҳамтаом, ҳамдастархон.

**ҲАМСӮҲБАТ** همصحبت мусоҳиби ҳамдигар, дӯсти наздик, ҳамнишин, ҳамсухан.

**ҲАМСӮҲБАТӢ** هم صحبتی дӯсти наздик будан, ҳамнишинӣ, ҳамсуханӣ.

**ҲАМТАБАҚ** هم طبق касоне, ки аз як зарф бо ҳам таом хӯранд; *маҷ.* дӯст ва рафиқи хеле наздик.

**ҲАМТАВИЛА** همطویله дар як тавила буда, аз як рама ва гала; *маҷ.* монанд, назир, дар қадру мартаба баробар.

**ҲАМТАГ//ҲАМТАК** همتگ//همتک *кит.* дар давутоз баробар, ҳамтоз, ҳамдав.

**ҲАМТАГӢ** همتگی ҳамтаг будан, ҳамроҳӣ.

**ҲАМТАК** هم تک *кит., ниг.* **ҳамтаг**.

**ҲАМТАҚДИР** هم تقدیر касоне, ки сарнавишташон як аст.

**ҲАМТАН** هم تن ду нафари аз як падару модар зоидашуда, одами хеле наздик.

**ҲАМТАНА** همتنه 1. ҳамандоза, дар ғафсию бузургӣ баробар (*оид ба* дарахт). 2. ҳамқад (*оид ба* одам).

**ҲАМТАНГ** همتنگ *кит.* наздик, ба ҳам наздик, дорои як ранг, якрӯ, яктабиат.

**ҲАМТАРОЗУ** همترازو 1. ҳамвазн. 2. баробар, мусовӣ. 3. *кит., маҷ.* ҳарифи ҷанг, тарафи муқобил, душман.

**ҲАМТАРҲ** همطرح дар шаклу қиёфа монанд, назир, ҳамто.

**ҲАМТО** همتا мисл, баробар, монанд; **ҳамто надоштан** мислу монанд надоштан.

**ҲАМТОБ** هم تاب баробарқувва.

**ҲАМТОИФА** هم طایفه ҳамқабила.

**ҲАМТУ** همتو *гуфт.* шакли гуфтугӯии **ҳамин тавр**.

**ҲАМУТОҚ** هم اطاق *ниг.* **ҳамхона**.

**ҲАМФИКР** همفکر одамоне, ки бо якдигар ақида ва нуқтаи назари наздик доранд.

**ҲАМФИКРӢ** هم فکر ی доро будан ба як ақида ва фикр.

**ҲАМХАРҶ** هم خرج хусусияти ду ё чанд нафар, ки дар зиндагӣ корҳо ва хароҷоти умумӣ доранд.

**ҲАМХИЗМАТ** هم خدمت касоне, ки дар як ҷо хизмат мекунанд.

**ҲАМХИСЛАТ** هم خصلت *ниг.* **ҳамхӯ**.

**ҲАМХОБ(А)** همخواب//همخوابه 1. ҳамхона, ҳаммавзил; зан. 2. ошиқ, хушдор, ёр.

**ҲАМХОБАГӢ** همخوابگی 1. ҳамхонагӣ, ҳамманзилӣ; заношӯӣ. 2. ошиқӣ, хушдорӣ, ёр будан.

**ҲАМХОК** همخاک ҳамватан, ҳаммеҳан.

**ҲАМХОНА** هم خانه 1. бо ҳам иқоматкунанда дар як хона. 2. *маҷ.* зан, завҷа, ҳамсар.

**ҲАМХОНАГӢ** همخانگی дар як хона зистан; заношӯӣ.

**ҲАМХУН** همخون ҳампадар, ҳамнажод, ҳамқавм; **бародари ҳамхун**.

**ҲАМХУНӢ** همخونی ҳамхун будан, пайванди хешу таборӣ доштан, хешовандӣ.

**ҲАМХӮ** همخو ҳамхислат, рафтору одоби якхела дошта.

**ҲАМХӮЙ** همخویی ҳамхислатӣ, одобу рафтори якхела доштан.

**ҲАМҲАМА** همهمه садоҳои дарҳаму барҳами одамон ё ҳайвонот, шавқун, мағал.

**ҲАМҲУДУД** هم حدود нисбати ду давлате, ки ҳамсояи якдигаранд.

**ҲАМҲУДУДӢ** همحدودی ҳамсарҳадӣ, ҳаммарзӣ, ҳамҷаворӣ.

**ҲАМҲУҚУҚ** هم حقوق баробарҳуқуқ.

**ҲАМҲУҚУҚӢ** هم حقوقی баробарҳуқуқӣ.

**ҲАМЧАРО** همچرا дар як ҷо чаронидани молу гов; ҳамчаро кардани рама ва пода *ва г.*

**ҲАМЧАШМ** همچشم **1.**рақиб, душман, ҳариф. 2. дӯст, рафиқ.

**ҲАМЧАШМӢ** هم چشمی **1.**рақибӣ, душманӣ, ҳарифӣ. 2. дӯстӣ, рафиқӣ.

**ҲАМЧУ(Н)** همچو(ن) монанди..., мисли..., чун.

**ҲАМЧУНИН** همچنین ҳамин гуна, ин тавр, ин хел; низ.

**ҲАМЧУНОН** همچنان ҳамон тавр, ҳамон хел.

**ҲАМҶАВОР** هم جوار ҳамсоя, ҳамҳудуд.

**ҲАМҶАВОРӢ** هم جواری ҳамсоягӣ, ҳамҳудудӣ.

**ҲАМҶИНС** هم جنس аз як ҷинс, ба ҳам монанд.

**ҲАМҶИНСӢ** هم جنسی аз як ҷинс будан, монандӣ.

**ҲАМҶИҲАТ** هم جهت пайрави як роҳ ва мақсад.

**ҲАМҶУРМ** هم جرم шарики ҷиноят.

**ҲАМШАКЛ** هم شکل монанд, шабеҳ.

**ҲАМШАКЛӢ** هم شکلی монандӣ, шабоҳат.

**ҲАМШАҲР(Ӣ)** همشهر(ی) зодагони як шаҳр дар нисбати якдигар.

**ҲАМШЕВАН** همشیون якҷоя бо каси дигар нолаву фарёд кунанда, ҳамнола, ҳамфиғон.

**ҲАМШИКАМ** همشکم дугоник; ҳамбатн; модаряк.

**ҲАМШИНО** همشنا баробар (якҷоя) шинокунанда.

**ҲАМШИР** هم شیر бародари ширхӯра.

**ҲАМШИРА** هم شیره хоҳар.

**ҲАМШИРАЗОДА** همشیره زاده хоҳарзода.

**ҲАМШУҒЛ** هم شغل *ниг.* **ҳамкасб**.

**ҲАМШУҒЛӢ** هم شغلی *ниг.* **ҳамкасбӣ**.

**ҲАМШУМОР** هم شمار *ниг.* **ҳаммартаба**.

**ҲАМЪИНОН** هم عنان 1. ҳамроҳ, ҳамсафар; ҳамрикоб. 2. дӯст, рафиқ, ҳамдам.

**ҲАМЪИНОНӢ** هم عنانی 1. ҳамроҳӣ, ҳамсафарӣ; ҳамрикобӣ. 2. дӯстӣ, рафиқӣ, ҳамдамӣ.

**ҲАМЯРОҚ** هم یراق *ниг.* **ҳамсилоҳ**.

**ҲАН** هن *кит.* навъи феъли рабтӣ ба маънии **ҳастанд**.

**ҲАНАФИЯ** *а.* حنفیه *д.* яке аз чор мазҳаби динӣ, ки дар дини ислом эътироф шудааст.

**ҲАНАФӢ** حنفی *д.* пайрави равияи ҳанафия дар дини ислом.

**ҲАНБАЛИЯ** *а.* حنبلیه *д.* яке аз мазҳабҳои чаҳоргонаи аҳли суннат.

**ҲАНБАЛӢ** *д.* حنبلی пайрави равияи ҳанбалия.

**ҲАНБОЗ** هنباز *кит.* анбоз, шарик, ҳамбоз,

**ҲАНБОЗГӮ** هنبازگو *кит.*, *маҷ.* мушрик, худоношинос.

**ҲАНБОЗӢ** هنبازی *кит.* шарикӣ, анбозӣ, мушорикат.

**ҲАНГ** I هنگ 1. доноӣ, хушёрӣ, фаҳм, арзишу эътибор, виқору матонат. 2. тавоноӣ, зӯрӣ, қудрат.

**ҲАНГ** II هنگ қасд, ирода, оҳанг.

**ҲАНГ** III هنگ сипоҳ, лашкар, полк.

**ҲАНГ** IV هنگ сӯрохи ғормонанди кӯҳ; шикофи кӯҳ.

**ҲАНГ** V هنگ як қулт об, як ҷуръа об.

**ҲАНГ** VI هنگ *гуфт.* хуш; **ҳангаш канд** хушаш парид, ҳайрон шуд; **ҳангу манг шудан** ҳайрон шудан, моту маҳбут шудан, саросема шудан, ҳайратзада шудан.

**ҲАНГ** VII هنگ *кит.* ҳайрон, фурӯмонда, дармонда, саргашта.

**ҲАНГ** VIII هنگ бонги хар, ҳангос; **ҳанг задан**

ҳангос кашидани хар.

**ҲАНГӢ** هنگی :**хари ҳангӣ** хари зиёд ҳангос зананда.

**ҲАНГОМ** هنگام бахше аз вақт, замон; мавсим; **ҳангоми саҳар** саҳаргоҳ.

**ҲАНГОМА** هنگامه 1. ҷамъомади мардуми бисёр дар ҷое; маърака, гапу сӯҳбати мардуми бисёр дар ҷое. 2. воқеа, моҷаро.

**ҲАНГОМАГИР** هنگامه گیر *кит.* маъракагир, бозигар; азоимнок.

**ҲАНГОМАДОР** هنگامه‌دار бошукӯҳ, пурдабдаба, бо азамат (*дар сифати тӯй ва иморат*); **ҳавлии дарун - беруни ҳангомадор**.

**ҲАНГОМАНОК** هنگامه ناک *ниг.* **ҳангомадор**.

**ҲАНГОМАОРО** هنگامه آرا кит. базморо, касе, ки дар ҷамъомад суруд мехонад.

**ҲАНГОМАТАЛАБ** هنگامه‌طلب он ки маърака ва ҷамъомадҳои пурмоҷароро дӯст медорад, моҷароҷӯ.

**ҲАНГОМАТАЛАБӢ** هنگامه‌طلبی моҷароҷӯӣ, хоҳони ҳангома будан.

**ҲАНГОМАҶӮЙ** هنگامه جوی *ниг.* **ҳангоматалаб**.

**ҲАНГОМАҶӮӢ** هنگامه‌جویی *ниг.* **ҳангоматалабӣ**.

**ҲАНГОМАШУДА** هنگامه شده *сифати феълии замони гузашта аз* **ҳангома шудан**; овоза ёфта, аз ҳад зиёд овоза кардашуда.

**ҲАНГОМҶӮ(Й)** هنگام‌جو(ی) он ки вақти муносиб меҷӯяд, фурсатталаб.

**ҲАНГОС** هنگاس бонги хар.

**ҲАНГУФТ** هنگفت ғафс, дурушт, зиёд, бисёр.

**ҲАНД** هند *кҳн., кит.* 1. расм, тартиб, урфу одат, дастур. 2. ҳастанд.

**ҲАНДАЛАК** هندلک харбузаи кулӯлаи хурди тезпазак.

**ҲАНДАСА** *а.* هندسه шохае аз риёзиёт, ки ба омӯхтани хосиятхои андозагирӣ, робитаҳои байни нуктаҳо, хатҳо, кунҷу зовияҳо, сатҳу ҳаҷми ҷисмҳо машғул аст, геометрия.

**ҲАНДАСӢ** هندسی *мансуб ба* **ҳандаса**; геометрӣ.

**ҲАНЗАЛ** *а.* هنظل як навъ кадуи ёбоӣ, кадуи талх.

**ҲАНИН** *а.* حنین *кит.* гиря, нола.

**ҲАНИФ** *а.* حنیف *д.* касе, ки дар ақидаи худ, махсусан дар ақидаи динӣ пойдор ва побарҷо мебошад; пойдор, побарҷо, устувор, ҳақиқӣ.

**ҲАНӢ** *а.*هني *кит.* гуворо, хуш, матбӯъ; *маҷ.* он чи ки бе ранҷу машаққат ба даст медарояд.

**ҲАННОТ** *а.* حناط 1. харидафурӯш, ҷаллоб. 2. *кинояаз* фурӯшандаи бисёр ноинсоф.

**ҲАННОТӢ** حناطی 1. харидафурӯшӣ, ҷаллобӣ. 2. *маҷ.* ноинсофӣ, фиребгарӣ.

**ҲАНУТ//ҲУНУТ** *а.* حنوط *кҳн.* хушбӯиҳое, ки барои пошидан ба бадан ва кафани мурда тайёр мекунанд, монанди кофур, мушк *ва г.*

**ҲАНӮЗ** هنوز *зарфи замон* то ҳол, то ин вақт, то акнун, ҳоло ҳам.

**ҲАНҶАРА** حنجره ҳалқ, гулӯ.

**ҲАНҶАРӢ** حنجری ҳалқӣ.

**ҲАНҶИДАН** هنجیدن берун кашидан, баровардан.

**ҲАНҶОР//ҲИНҶОР** هنجار роҳ, тариқ, қоида, андоза; роҳи рост.

**ҲАПАЛ** هپل лаванд, ноӯҳдабаро.

**ҲАПАЛАК** هپلک сифати рӯй.

**ҲАППАК** هپک тӯпи бозӣ.

**ҲАППАКБОЗӢ** هپک بازی тӯббозӣ.

**ҲАПОК** هپاک *ниг.* **ҳабок**.

**ҲАР** هر *ҷонишини таъинӣ* **ҳар кас, ҳар кор, ҳар ҷо** (*бо калимаҳои* кас, чиз, кор *ва г. меояд*).

**ҲАР(Р)** حر *кит.* гармӣ, ҳарорат, тасф; **ҳару тоб** гармои сахт.

**ҲАРАБ** *а.* هرب гурехтан, гурез, фирор.

**ҲАРАКАТ** حرکت 1. ҷунбиш, ҷунбидан; *муқоб.* **сукун**; рафту омад, ҷунбуҷӯл. 2. фаъолияти сиёсӣ, ҷамъиятӣ барои расидан ба ягон мақсади муайян; **ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ**. 3. кӯшиш, саъй, тараддуд; барои ин ҳеҷ ҳаракат лозим нашуд. 4. аломатест, ки дар хатти арабӣ барои нишон додани садонокии ҳарф гузошта мешавад,

аломатҳои диакритӣ; **ҳаракат кардан** а) чунбидан; б) равона шудан; в) дар рафтуой будан; г) кӯшиш ва тараддуд кардан.

**ҲАРАКАТДИҲАНДА** حرکت‌دهنده бо ҳаракат оваранда.

**ҲАРАКАТКУНАНДА** حرکت‌کننده раванда, чунбанда; *мач.* он чи саъю кӯшиш мекунад.

**ҲАРАКАТОВАР** حرکت‌آور *тех., ниг.* **ҳаракатдиҳанда**.

**ҲАРАКОТ** *а.* حرکات *ҷ.* **ҳаракат**. 1. рафтор, амалу кирдорҳо. 2. *кит., збш.* аломатҳое, ки дар хатти арабӣ барои нишон додани садонокии ҳарфҳо гузошта мешаванд; хелҳои ҳаракот: зер, забар, пеш.

**ҲАРАМ** I *а.* حرم 1. ҳавлии дарун, ки махсуси занон буд. 2. иҳотаи гирдогирди чизе. 3. зан, ҷои муқаддас.

**ҲАРАМ** II *а.* هرم 1. заъфу нотавонӣ; пирӣ. 2. пирамида. 3. *таър.* мақбараи азиму сангини фиръавнҳои Мисри Қадим.

**ҲАРАМГОҲ** حرم‌گاه *кит.* ҷои ҳарам, ҳарамхона.

**ҲАРАМНИШИН** حرم‌نشین парданишин, пинҳонбуда.

**ҲАРАМСАРОӢ** حرم سرایی бошишгоҳи занон дар қасри подшоҳӣ.

**ҲАРАМХОНА** حرم خانه *ниг.* **ҳарамсарой**.

**ҲАРБ** *а.* حرب ҷанг, набард; **ҳарбу зарб** ҷангу кушокушӣ, задухӯрд.

**ҲАРБА** *а.* حربه асбоби ҷанг, силоҳ (*шамшер, ханҷар, милтиқ ва г.*).

**ҲАРБГОҲ** حرب‌گاه майдони ҷанг, арсаи набард.

**ҲАРБДИДА** حرب دیده касе ки дар майдони ҷанг буда, худ ҷангидааст.

**ҲАРБИВОР** حربی وار *ниг.* **ҳарбиёна**.

**ҲАРБИЁНА** حربیانه мисли ҳарбиён, чун ҳарбӣ.

**ҲАРБИКУНОНӢ** حربی کنانی 1. тақвияти додани ҷанбаи низомии рушди кишвар; аз ҷиҳати низомӣ устувор кардани мамлакат. 2. майл кардан ба сиёсати ҷангхоҳона.

**ҲАРБӢ** حربی 1. *мансуб ба* **ҳарб**; низомӣ: **интизоми ҳарбӣ, қувваҳои ҳарбӣ, хизмати ҳарбӣ.** 2. касе, ки дар хизмати ҳарбӣ мебошад.

**ҲАРВАҚТА** هروقته доим ба вуқӯъ оянда; доимӣ, мунтазам.

**ҲАРВОНА** هروانه 1. ҷазо, уқубат, шиканҷа. 2. *мач.* бемористон; девонахона, дорушшифо.

**ҲАРВОНАГАҲ** هروانگه *ниг.* **ҳарвонагоҳ**.

**ҲАРВОНАГОҲ** هروانگاه ҷои шиканҷа, ҷои ҷазодиҳӣ.

**ҲАРГАП** هر گپ *ниг.* **ҳаргап**.

**ҲАРГИЗ** هرگز ҳеҷ вақт, асло, ҳеҷ.

**ҲАРГОҲӢ** هرگاهی ҳарзамонӣ.

**ҲАРДАҚИҚАГӢ** هردقیقگی ҳар лаҳза, ҳар дам; дам ба дам.

**ҲАРДАМАФЗОЯНДА** هردم افزاینده мунтазам инкишофёбанда, пайваста зиёдшаванда.

**ҲАРДАМХАЁЛ** هردم خیال он ки фикри қатъӣ ва устувор надорад, касе, ки ҳар замон фикраш дигар мешавад.

**ҲАРДАМХАЁЛӢ** هردم خیالی фикри қатъӣ ва устувор надоштан, ҳар замон аз фикри худ гаштан.

**ҲАРДАРӢ** هردری *кит.* меҳмони нохонда.

**ҲАРЗА** هرزه беҳуда, беҷо; ёва, сафсата.

**ҲАРЗААМАЛ** هرزه‌عمل он ки амали (кори) беҳуда, беҷо мекунад.

**ҲАРЗАБОФ** هرزه باف ёвагӯй, сафсатагӯй.

**ҲАРЗАГАРД** هرزه‌گرد беҷогард, беҳудагард, бекорхӯҷа, оворагард.

**ҲАРЗАГАРДӢ** هرزه‌گردی беҷогардӣ, беҳудагардӣ, бекорхӯҷагӣ, оворагардӣ.

**ҲАРЗАГУФТОР** هرزه گفتار *ниг.* **ҳарзагӯ(й)**.

**ҲАРЗАГӮ(Й)** هرزه‌گو(ی) сафсатагӯй, ёвагуфтор, лофзан.

**ҲАРЗАГӮӢ** هرزه‌گویی бемаънигарӣ, бемазагӯӣ, ёвасароӣ.

**ҲАРЗАДАРО(Й)** هرزه‌درا(ی) *кит., ниг.* **ҳарзагӯ(й).**

**ҲАРЗАДАРОӢ** هرزه درایی *ниг.* **ҳарзагӯӣ.**

**ҲАРЗАТОЗ** هرزه تاز *ниг.* **ҳарзагард.**

**ҲАРЗАКОР** هرزه‌کار беҳудакор, бекора, бемаънӣ.

**ҲАРИҚ** *а.* حريق *кит.* оташсӯзӣ, сӯхтор, забонаи оташ; сӯзон.

**ҲАРИНА** هرينه 1. одами гапнафаҳм, гапнашунав, якраҳа. 2. кори саргум; **дарди ҳарина** дарди чи буданаш номаълум.

**ҲАРИНАГӢ** هرينگی гапношунавӣ, якраҳагӣ; бефаҳмӣ.

**ҲАРИР** I هرير *кит.* нолаи саг, фарёди саг, уллоси саг аз сармо.

**ҲАРИР** II *а.* حرير 1. абрешим, парниён. 2. порчаи абрешимии нафис.

**ҲАРИРА** I حريره *хӯр.* 1. ордҳола (атола), таоми рақиқе, ки аз орду ширу равған пазанд. 2. як намуди полуда, навъи таоме, ки ба он кӯбидаи бодом, шакар, нашоиста ҳамроҳ мекунанд; **ҳарираи бодом**.

**ҲАРИРА** II حريره навъе аз ҷомаи абрешимин.

**ҲАРИРБАР** حرير بر *кит.* мулоимсина, нармоғӯш.

**ҲАРИРБОФ** حريرباف шоҳибоф.

**ҲАРИРБОФӢ** حريربافی шоҳибофӣ.

**ҲАРИРИН** حريرين *ниг.* **ҳарирӣ**.

**ҲАРИРӢ** حريری аз мӯина сохташуда, абрешимӣ.

**ҲАРИРНАМО** حريرنما абрешиммонанд.

**ҲАРИРФУРӮШ** حريرفروش фурӯшандаи абрешим, шоҳифурӯш.

**ҲАРИРФУРӮШӢ** حريرفروشی абрешим фурӯшӣ, шоҳифурӯшӣ.

**ҲАРИС** *а.* حريص 1. тамаъкор, он ки фузунӣ ва зиёдатӣ талабад. 2. чашмгурусна, озвар, озманд.

**ҲАРИСА//ҲАЛИСА** هريسه//هليسه хӯроке, ки аз гӯшт ва гандуми муқашшар мепазанд.

**ҲАРИСАПАЗ** هريسه پز *кит.* он ки ҳариса мепазад, пазандаи ҳариса.

**ҲАРИСӢ** حريصی гушначашмӣ, тамаъкорӣ.

**ҲАРИСОНА** حريصانه бо ҳарисӣ, бо гушначашмӣ, тамаъкорона.

**ҲАРИФ** حريف 1. ҳампеша, ҳамкор. 2. рақиб дар коре, тарафи муқобил дар бозӣ, дар ҷанг ва дар қимор.

**ҲАРИФӢ** حريفی 1. ҳампешагӣ, ҳамкорӣ. 2. рақобат.

**ҲАРИФОНА** حريفانه дӯстона, шарикона.

**ҲАРКОРА** I هرکاره 1. он ки ҳар кор аз дасташ меояд (чи нек, чи бад). 2. қосид, номабар.

**ҲАРКОРА** II هرکاره 1. деги сангӣ, ки дар он таом мепухтанд. 2. зарфи оҳание, ки ҳалвогарон дар он ҳалво мепухтанд.

**ҲАРМАЛ(А)** حرمل//حرمله *кит.* испанд.

**ҲАРМОҲА** هرماهه 1. моҳвора. 2. моҳе як бор; **маҷаллаи ҳармоҳа**.

**ҲАРОИНА** هرآئينه 1. агар, ҳар гоҳ. 2. ночор, ба ҳар тариқ, ки бошад.

**ҲАРОМ** حرام 1. манъ кардашуда; *муқоб.* **ҳалол**. 2. ношоиста, нопок.

**ҲАРОМЗОДА** حرام زاده 1. фарзанде, ки аз падари ғайриқонунӣ зоида шудааст, фарзанди номашрӯъ. 2. қаллоб, маккор, фиребгар, ҳиллагар.

**ҲАРОМЗОДАГӢ** حرامزادگی фиребгарӣ, қаллобӣ, дуздӣ.

**ҲАРОМӢ** حرامی 1. фарзанди аз падари ғайриқонунӣ зоидашуда. 2. дузд, роҳзан; **ҳарому ҳариш** бетартибӣ, чатоққорӣ.

**ҲАРОМКОР** حرامکار порахӯр, касе ки бо роҳҳои ғайримеҳнатӣ ва қаллобӣ пул меёбад.

**ҲАРОМКОРӢ** حرام کاری қаллобӣ, порахӯрӣ.

**ҲАРОММАҒЗ** حرام مغز моддаи нарму чарби сафедранг, ки ба даруни сутунмӯҳраи пушт ҷо дорад.

**ҲАРОММУРДА** حراممرده ҳайвони худмурда (*нисбат ба чорпои ҳалолгӯшт*).

**ҲАРОММУРӢ** حرام مری ҳаром мурдан (*оид ба* ҳайвонот); *маҷ., гуфт.* аз касофатии худ ба ҳалокат расидан..

**ҲАРОМРИЗҚ** حرام رزق *ниг.* **ҳаромхӯр**.

**ҲАРОМТӮША** حرام توشه *ниг.* **ҳаромхӯр**.

**ҲАРОМХИШТАК** حرام خشتک зинокор.

**ҲАРОМХӮР** حرامخور касе, ки ризқу рӯзиашро

бо корҳои нораво ба даст меорад; порахӯр.

**ҲАРОМХӮРӢ** حرامخوری амали ҳаромхӯр.

**ҲАРОРАТ** حرارت гармӣ, температура.

**ҲАРОРАТБАРДОР** حرارتبردار тобовар ба гармӣ.

**ҲАРОРАТБАХШ** حرارت بخش гармкунанда.

**ҲАРОРАТӢ** حرارتی марбут ба ҳарорат; тавлидкунандаи гармову ҳарорат.

**ҲАРОРАТСАНҶ** حرارتسنج гармисанҷ, тафсанҷ.

**ҲАРОРАТСАНҶӢ** حرارتسنجی гармосанҷӣ, тафсанҷӣ; муоинаи ҳарорати бадан ва ҳаво.

**ҲАРОС** هراس тарс, бим, ваҳм, ҳавл; **ба ҳарос афтодан** дар воҳима мондан.

**ҲАРОСА** هراسه 1. чизи тарсонанда, восита барои тарсонидан. 2. хӯса.

**ҲАРОСАНГЕЗ** هراسانگیز ҳароснок, тарсон, ларзон, ангезандаи тарсу бим, ҳавлангез.

**ҲАРОСАНГЕЗӢ** هراسانگیزی ҳавлангезӣ, тарсангезӣ.

**ҲАРОСАНДА**هراسنده *кит.* тарсанда, тарсон.

**ҲАРОСАТ** حراست нигаҳбонӣ, нигоҳдорӣ, муҳофизат; посбонӣ, муроқибат.

**ҲАРОСЗАДА** هراسزده тарсида, ваҳшатзада, бимзада.

**ҲАРОСИДА** هراسیده тарсида, дар ҳолати тарсу ҳарос.

**ҲАРОСИДАН** هراسیدن тарсидан, ба ваҳм афтодан.

**ҲАРОСНОК** هراسناک боиси тарсу ваҳм, тарснок, бимнок.

**ҲАРОСНОКӢ** هراسناکی боиси тарс будан, тарснокӣ, бимнокӣ.

**ҲАРОСОВАР** هراسآور тарсонанда, тарснок, бимнок, ҳавлангез.

**ҲАРОСОМЕЗ** هراسآمیز ҳамроҳ бо тарсу ҳарос, тарсомез, бо тарсу бим.

**ҲАРОСОН** هراسان дар ҳолати тарсу бим, тарсон, тарсида; **ҳаросон шудан** ба тарсу ваҳм афтодан.

**ҲАРОСОН(И)ДАН** هراساند//هراسانیدن ваҳмондан.

**ҲАРОСОНӢ** هراسانی тарсандагӣ, бимнокӣ, дар ҳолати тарсу бим будан.

**ҲАРОСЗО** هراس زا тарсзо, зояндаи тарсу ваҳм,

**ҲАРРАНГА** هررنگه дорои рангҳои гуногун.

**ҲАРРИН** هرّین *кҳн.* овози муҳиб, наъра, садо, ғурриш.

**ҲАРРОҚ** *а.* حرّاق 1. оташдиҳанда, он ки оташ афрӯзад, сӯзонанда. 2. оташгиранда, сӯхташаванда.

**ҲАРРОҚА** *а.* حرّاقه 1. олати оташзанӣ, оташзананда. 2. киштие, ки аз он бар душман нафти сӯзон ва моддаҳои оташин меандохтаанд.

**ҲАРРӮЗА** هرروزه чизе, ки ҳар рӯз воқеъ мешавад; **кори ҳаррӯза**.

**ҲАРС** I *а.* حرث зироат, киштукор, заминкорӣ, деҳқонӣ.

**ҲАРС** II *а.* حرس нигаҳбон, нигаҳбонӣ кардан.

**ҲАРСОАТА** هر ساعته дар як соат, дар фосилаи як соат, дар ҳар як соат.

**ҲАРСОАТӢ** هر ساعتی *ниг.* **ҳарсоата**.

**ҲАРСОЛА** هر ساله он чи ҳар сол рӯй медиҳад, такроршаванда дар ҳар як сол.

**ҲАРСОЛИНА** هر سالینه *ниг.* **ҳарсола**.

**ҲАРСОНИЯГӢ** هر ثانیگی он чи дар ҳар сония рух медиҳад, дар ҳар сония.

**ҲАРСОС** هرساس **ҳарсос задан** ба сахтӣ нафас гирифтан (*аз даводав ё талвоса*).

**ҲАРТАРАФА** هر طرفه аз ҳар тараф, аз ҳар бобат, аз ҳар ҷиҳат; **ҳартарафа омӯхтан**.

**ҲАРУН** *а.* حرون *кҳн.* 1. саркаш, нооором. 2. аспи саркаш, нофармон.

**ҲАРФ** حرف 1. аломатҳои алифбо, ки ҳар кадом садои муайянро ифода мекунад. 2. сухан, гап; **ҳарф задан** сухан гуфтан; **ҳарф ба ҳарф** айнан.

**ҲАРФГИР** حرفگیر хурдагир, айбҷӯй, нуктагир.

**ҲАРФГИРӢ** حرفگیری хурдагирӣ, айбҷӯӣ, нуктагирӣ.

**ҲАРФӢ** حرفی *мансуб ба* **ҳарф**; бо ҳарф навишташуда.

**ҲАРФНАВИШТ** حرف‌نوشت *збш.* навиштани ҳарфҳои як алифбо бо ҳарфҳои алифбои дигар.

**ҲАРФПАРАСТ** حرف‌پرست зоҳирбин, расмиятчӣ.

**ҲАРФПАРАСТӢ** حرف‌پرستی зоҳирбинӣ, расмиятгарӣ.

**ҲАРФЧИН** حرف‌چین коргари матбаа, ки ҳарфҳоро барои чоп мечинад.

**ҲАРФЧИНӢ** حرف‌چینی кори ҳарфчин дар матбаа.

**ҲАРФШИНОС** حرف‌شناس 1. суханшинос, сухансанҷ, нуктафаҳм. 2. саводбароварда, хатхон.

**ҲАРХЕЛА** هرخیله гуногун, гуногуннавъ, гуногунҷинс.

**ҲАРХЕЛАГӢ** هرخیلگی гуногунӣ, гуногуннавъӣ, гуногунҷинсӣ.

**ҲАРҲАФТ** هر هفت маҷмӯаи ҳафт навъ ороиши занона, шомили ҳино, зирк, сурхӣ, сафедӣ, сурма, усма ва ғолия (мушку анбар).

**ҲАРҲАФТАГӢ** هر هفتگی *ниг.* **ҳарҳафтаина**.

**ҲАРҲАФТАИНА** هر هفته‌ئینه он чи ҳар ҳафта рӯй медиҳад, такроршаванда дар ҳар ҳафта.

**ҲАРЧАНД** هرچند агарчи, гарчи, бо вуҷуди он ки; ҳар қадар.

**ҲАРҶ** هرج **:ҳарҷу марҷ** дарҳаму барҳамӣ, бетартибӣ, бесарусомонӣ, мағал.

**ҲАРҶИҲАТА** هرجهته *ниг.* **ҳартарафа**.

**ҲАРҶОГАРД** هرجاگرد беҳудагард, бехонаву ҷойу сарсаригард.

**ҲАРҶОӢ** هرجائی касе ки дар ҷое ё ба сари коре барқарор ва дер намеистад.

**ҲАРҶОНИБА** هرجانبه аз ҳар тараф, аз ҳама тараф.

**ҲАРҶО-ҲАРҶО** هرجا هرجا ҷо-ҷо.

**ҲАРҶУМАРҶ** هرج ومرج *ниг.* **ҳарҷ**.

**ҲАРҶУМАРҶӢ** هرج ومرجی дарҳаму барҳамӣ, бетартибӣ, бесарусомонӣ.

**ҲАРҶУМАРҶТАЛАБ** هرج‌ومرج‌طلب ошӯбталаб, он ки ошӯбу ғавғо ва бе сарусомониро меҳоҳад.

**ҲАРҶУМАРҶТАЛАБӢ** هرج ومرج طلبی хоҳони дарҳаму барҳамӣ, бетартибӣ, бесарусомонӣ.

**ҲАРШАБА** هرشبه он чи ҳар шаб рӯй медиҳад, такроршаванда дар ҳар шаб.

**ҲАРШАБОНАРӮЗӢ** هرشبانه‌روزی он чи дар ҳар бисту чор соат рӯй медиҳад, такроршаванда дар ҳар 24 соат.

**ҲАСАБ** *а.* حسب бузургӣ ва ифтихор ба туфайли фазл, илму дониш; *муқоб.* **насаб**, ки ифтихор кардан ба насл – падару бобо мебошад.

**ҲАСАД** *а.* حسد рашк бурдан ба мол ва обрӯю эътибори касе ва аз даст рафтани онро хостан, рашк, бадхоҳӣ, нотавонбинӣ; **ҳасад бурдан** рашк бурдан, нотавонбинӣ кардан.

**ҲАСАДАНГЕЗ** حسدانگیز ҳасадовар.

**ҲАСАДБАР** حسدبر ҳасуд, ҳасудхӯр, бахил.

**ҲАСАДБАРӢ** حسدبری ҳасудӣ, ҳасудхӯрӣ, бахилӣ.

**ҲАСАДВАР** حسدور *ниг.* **ҳасадбарӣ**.

**ҲАСАДВАРӢ** حسدوری *ниг.* **ҳасадбарӣ**.

**ҲАСАДНОК** حسدناک рашкин, нотавонбин.

**ҲАСАДОВАР** حسدآور *ниг.* **ҳасадангез**.

**ҲАСАДПЕША** حسدپیشه *ниг.* **ҳасадбар**.

**ҲАСАДХӮР** حسدخور ҳасуд, рашкбаранда, нотавонбин.

**ҲАСАДХӮРӢ** حسدخوری *ниг.* **ҳасудӣ**.

**ҲАСАДХӮРОНА** حسدخورانه *ниг.* **ҳасудона**.

**ҲАСАН** *а.* حسن 1. *кит.* соҳиби ҳусн, зебо, хуб, некӯ. 2. номи яке аз наберагони Муҳаммад пайғамбар(с).

**ҲАСАНА** *а.* حسنه кори нек, амали хайрхоҳона; **қарзи ҳасана** қарзе, ки қарздиҳанда ба он фоида намегирад.

**ҲАСАНАК** حسنک *бот.* як намуди ҳашарот.

**ҲАСАНОТ** *а.* حسنات некӯиҳо, корҳои нек.

**ҲАСБ** *а.* حسب мувофиқи, тибқи...; **бар ҳасби**...

мувофиқи...; **ҳасби ҳол** баёни аҳвол, тафсилоти аҳвол, тарҷумаи ҳол.

**ҲАСБА** *а.* حسبه 1. доначаҳое, ки дар бадан пайдо мешаванд. 2. тифи ҳасбадор, араки ҳасбадор.

**ҲАСБАДОР** حسبه دار дорои ҳасба.

**ҲАСИБ** I *а.* حسیب гўшти кўфтаи дар даруни рўдаи моли ҳалол пухташуда.

**ҲАСИБ** II *а.* حسیب 1. ҳисобкунанда, ҳосиб. 2. соҳиби ҳасаб, бузургвор, соҳиби фазилат.

**ҲАСИН** *а.* حصین *кит.* устувор, мустаҳкам, дастрас; **ҳусни ҳасин** қалъаи дастнорас, мустаҳкам.

**ҲАСИР** حصیر *а. кҳн.* бўрё**.**

**ҲАСИРБОФ** حصیر باف бўрёбоф.

**ҲАСИРБОФӢ** حصیر بافی бўрёбофӣ**.**

**ҲАСНО** *а.* حسنا зебо, зани хушрў.

**ҲАСОДАТ** *а.* حسادت рашк бурдан; ҳасаднокӣ, нотавонбинӣ.

**ҲАСОНАТ//ҲИСОНАТ** *а.* حصانت мустаҳкамӣ, устуворӣ, пойдорӣ, истеҳком.

**ҲАСР** حصر *кҳн.* 1. иҳота, муҳосира, гирдогирди чизеро печонда гирифтан. 2. ҳад, андоза, ҳисоб; ҳисоб кардан, андоза гирифтан.

**ҲАСРАТ** *а.* حسرت 1. афсўс, дареғ, пушаймонӣ. 2. ғам, ғусса, андўҳ; **ҳасрат кардан** дарди дил гуфтан; орзу ва хоҳиши дил баён кардан.

**ҲАСРАТАНГЕЗ** حسرت‌انگیز аламовар, ҳасратовар**.**

**ҲАСРАТМАНД** حسرت مند озурда, аламзада.

**ҲАСРАТНОК** حسرت ناک ҳасратомез, бо дареғу афсўс, бодарду алам; **нигоҳи ҳасратнок**.

**ҲАСРАТОВАР** حسرت آور *ниг.* **ҳасратангез**.

**ҲАСРАТОМЕЗ** حسرت آمیز *ниг.* **ҳасратнок**.

**ҲАСРАТКАДА** حسرت‌کده *кит.* ҷои ҳасрат, ғамхона: 2. *маҷ.* дунё, ҷаҳон.

**ҲАСРАТПАРВАР** حسرت پرور он чи, ки боиси ҳасрат мешавад, ҳасратовар, ба вуҷуд оварандаи ҳасрат.

**ҲАСРАТХЎР** حسرت خور 1. ғамнок, андўҳгин, маҳзун. 2. ҳасуд, бахил.

**ҲАССОД** I *а.* حساد *кҳн.* ҳасуд, ҳасудхўр, бахил.

**ҲАССОД** II *а.* حصاد *кҳн.* даравгар, доскаш.

**ҲАССОН** *а.* حسان бисёр зебо, хуб, ғалатӣ.

**ҲАССОНА** *а.* حسانه хушёрона, зиракона; бофаросатона, нуктасанҷона.

**ҲАССОС** *а.* حساس ҳискунанда, нағз пайбаранда, дарёбанда, зудранҷ; **дили ҳассос.**

**ҲАССОСИЯТ** حساسیت ҳассос будан, ҳассосӣ; қобилияти ҳискунӣ; вокуниш, аксуламал.

**ҲАССОСӢ** حساسی ҳиссиётнокӣ, доро будан ба қувваи ҳис кардан баланд.

**ҲАСТ** هست мавҷуд; *муқоб.* **нест**; **ҳасту нест** тамоми дороии касе; **ҳасту нест кардан** ҳозирғоиб кардан аз рўи рўихат.

**ҲАСТА** هسته донаи мева (*шафтолу, хурмо ва м. ин*).

**ҲАСТАӢ** هسته‌ای ядроӣ: **бомбаи ҳастаӣ**.

**ҲАСТАК** هستک **:ҳастаку нестак** кам, ночиз, нокифоя.

**ҲАСТИСЎЗ** هستی‌سوز несткунанда, қиркунанда.

**ҲАСТӢ** هستی зиндагӣ, зиндагонӣ; мавҷудият, вуҷуд доштан; **олами ҳастӣ** тамоми мавҷудот.

**ҲАСТУ** I هستو *кит., ниг.* **ҳаста**.

**ҲАСТУ** II هستو *кит.* қоил, эътирофкунанда.

**ҲАСТУ** III هستو дурустӣ, ҳақиқат, ҳақоиқи ашё.

**ҲАСУД** حسود рашкбаранда, нотавонбин.

**ҲАСУДӢ** حسودی ҳасудхўрӣ, ҳасадбарӣ, бахилӣ.

**ҲАСУДОНА** حسودانه ҳасудхўрона, ҳасадбарона, бахилона.

**ҲАСУДХЎР** حسودخور *ниг.* **ҳасуд**.

**ҲАСУДХЎРӢ** حسودخوری *ниг.* **ҳасудӣ**.

**ҲАТАБ** *а.* حطب ҳезум, чўби сўхтанӣ.

**ҲАТК** *а.* هتک пора кардан, парда даридан, бадному расво кардан касеро; **ҳатки номус**

пардаи номуси касеро даронидан.

**ҲАТМАН** *а.* حتماً қатъан, маҷбуран, албатта.

**ҲАТМӢ** حتمی маҷбурӣ, зарурӣ, ногузир.

**ҲАТТАЛИМКОН** *а.* حتی الامکان то ҷое, ки имкон ҳаст, ба қадри имкон.

**ҲАТТО** حتا *пайвандаки халофӣ* ба дараҷае ки..., то ҳадде ки...

**ҲАТӮЛ** هتول *гуфт.* суст, ноӯҳдабаро.

**ҲАТӮЛКОР** هتول کار *гуфт.* сусткор, лаванд.

**ҲАТӮЛКОРӢ** هتول کاری сусткорӣ, лавандӣ.

**ҲАФДАҲ** هفده *ниг.* **ҳабдаҳ**.

**ҲАФИЗ** *а.* حفیظ *кит.* нигаҳбон, нигаҳдор, ҳимояткунанда.

**ҲАФИД** حفید 1. набера, фарзанди фарзанд; 2. хидматгор, ходим, ёригар.

**ҲАФР** *а.* حفر кофтан, кандан (заминро).

**ҲАФРИЁТ** *а.* حفریات ковишҳо барои тадқиқот ва ёфтани осори қадима.

**ҲАФТ** هفت 1. *шумораи миқдории* ҳафт. 2. *киноя аз* ҳафт сайёра.

**ҲАФТА** هفته воҳиди шумори рӯзҳо, ки аз ҳафт рӯз иборат аст.

**ҲАФТАВОР** هفته‌وار 1. ҳарҳафтаина, ҳафтаина. 2. *ниг.* **ҳафтанома**.

**ҲАФТАВРАНГ** هفتاورنگ *кит.*, *ниг.* **ҳафтдодарон**.

**ҲАФТАГӢ** هفتگی ҳафтае як бор.

**ҲАФТАИНА** هفته ئینه ҳафтагӣ, ҳарҳафтагӣ.

**ҲАФТАӢ** هفته ای *ниг.* **ҳафтанома**.

**ҲАФТАК** هفتک **ҳафтак шудан** дар кӯдакӣ мурдан.

**ҲАФТАФАҲМ** هفته فهم кундзеҳн, камфаросат.

**ҲАФТБАР** هفت بر *ниг.* **ҳафткунҷа**.

**ҲАФТБОЛОР** هفت بالار хонаи ҳафтболор хонае, ки сақфаш ҳафт болор дорад.

**ҲАФТГАРДОН** هفت‌گردان *кишов.* майдони зироатро ба ҳафт тақсим карда ва ҳар қитъаро бо навбат дам дода кишт кардан.

**ҲАФТГОНА** هفتگانه 1. аз ҳафт воҳид, қисман иборат. 2. рақами ҳафт: **ҳафтгонаи аъзам** (*сарварони ҳафт давлати бузург*).

**ҲАФТДОДАРОН** هفت دادران *нуҷ.* гурӯҳи ситорагоне, ки бо ҳам ҷамъ меистанд, Дубби Акбар.

**ҲАФТКАСА** هفت‌کسه ҳафт нафар, ҳафт кас шуда.

**ҲАФТКАСӢ** هفت‌کسی *ниг.* **ҳафтнафарӣ**.

**ҲАФТКУНҶА** هفت‌کنجه шакли ҳандасӣ, ки ҳафт кунҷ дорад.

**ҲАФТҚАБАТА** هفتقبطه ҳафтошёна, ҳафттабақа; **бинои ҳафтқабата**.

**ҲАФТМЕВА** هفت میوه ҳафт навъ меваи тар, ки дар иди Наврӯз ба дастархон мениҳоданд.

**ҲАФТМОҲА** هفت ماهه он чи ки ҳафт моҳ дорад; дар моҳи ҳафтум; **кӯдаки ҳафтмоҳа**.

**ҲАФТНАФАРӢ** هفت نفری ҳафткасӣ, иборат аз ҳафт кас.

**ҲАФТОД** هفتاد ҳафт бор даҳ.

**ҲАФТОДСОЛА** هفتادساله он чи ё он ки умраш ба ҳафтод расида бошад.

**ҲАФТОДСОЛАГӢ** هفتادسالگی ба синни ҳафтод расидан, ҳафтод сол доштан.

**ҲАФТОДУМ** هفتادم дар шумори (тартиби) ҳафтод қарор дошта.

**ҲАФТОДУМИН** هفتادمین *ниг.* **ҳафтодум**.

**ҲАФТОШЁНА** هفت آشیانه *ниг.* **ҳафттабақа**.

**ҲАФТПАҲЛУ** هفت پهلو *ниг.* **ҳафткунҷа**.

**ҲАФТПУШТ** هفت پشت ҳафт насли гузашта.

**ҲАФТПӮСТ** هفت پوست *тиб.* ҷароҳате, ки решааш монанди пиёз қабат-қабат мешавад.

**ҲАФТРАНГ** هفت رنگ 1. ҳафт ранг дошта; гуногунранг, рангоранг. 2. як навъ гул, ки ҳафт ранг дорад. 3. ҳафт ранги гуногун, ки ба ҳафт сайёра нисбат дода мешавад; сиёҳ ба Зуҳал, ҷигарӣ ба Муштарӣ, сурх ба Миррих, зард ба Офтоб, сафед ба Зӯҳра, кабуд ба Уторид, сабз ба Моҳ.

**ҲАФТРӮЗА** هفت روزه ҳафт рӯз дошта; барои ҳафт рӯз.

**ҲАФТРӮЯ** هفت رویه ҳафт теға, ҳафтқира.

**ҲАФТСАД** هفت صد адади маълум: ҳафт бор сад.

**ҲАФТСАДУМ** هفت صدم дар шумори (тартиби) ҳафтсад қарордошта.

**ҲАФТСАДУМИН** هفت صدمین *ниг.* **ҳафтсадум.**

**ҲАФТСАР** هفتسر *асот.* дорои ҳафт сар; аждаҳои ҳафтсар.

**ҲАФТСИН** هفت سین ҳафт чизи бо ҳарфи "син" саршаванда, ки бо онҳо дастархони наврӯзӣ мерояңд.

**ҲАФТСОАТА** هفتساعته муддати ҳафт соат дошта.

**ҲАФТСОАТӢ** هفتساعتی ба муддати ҳафт соат.

**ҲАФТСОЛА** هفت ساله дорои ҳафт сол; ба муддати ҳафт сол**; мактаби ҳафтсола; аз ҳафтсола то ҳафтодсола** ҳамаи мардум, хурду калон.

**ҲАФТСОЛАГӢ** هفتسالگی ба синни ҳафт расидан, ҳафт сол доштан.

**ҲАФТТОРА** هفت تاره ҳафт тор дошта, иборат аз ҳафт тор; сози торие, ки дорои ҳафт тор аст.

**ҲАФТУМ** هفتم дар шумори (тартиби) ҳафт қарордошта.

**ҲАФТУМИН** هفتمین вақт ва соати муайян, ки аз ҳафтуним соат иборат аст.

**ҲАФТФАРСАНГӢ** هفت فرسنگی дар масофаи 7 фарсанг қарордошта (тахминан 42 км).

**ҲАФТФАРСАХӢ** هفتفرسخی *ниг.* **ҳафтфарсангӣ**.

**ҲАФТЧАНД** هفتچند ҳафт баробар, ҳафт карат, ҳафт бор.

**ҲАФТҶӮШ** هفتجوش 1. филизи бисёр сахти маҳкам. 2. *киноя аз* одами ҷонсахти пуртоқат; **ҳафтҷӯш шудан** устувору мустаҳкам шудан.

**ҲАФТШАНБЕ** هفت شنبه рӯзи набудаи ҳафта; **ба умеди рӯзи ҳафтшанбе шудан** барабас интизор шудан.

**ҲАФТШИН** هفتشین ҳафт чизи бо ҳарфи "шин" саршаванда, ки бо онҳо дастархони Наврӯзӣ мерояңд.

**ҲАФТЯК** هفت یک *д.* аз ҳафт як ҷузъи Қуръон, ки барои таълим дар мактабҳо алоҳида чоп мешуд (*асосан сураҳои хурд*).

**ҲАЧЧА** هچه ходаи нӯгаш душохае, ки ба зери шохаҳои пурбор чун такя мегузоранд.

**ҲАҶ** حج *д.* маросими зиёрати Каъба, ки яке аз рукнҳои дини ислом ба шумор меравад.

**ҲАҶАР** *а.* حجر *кит.* санг; **ҳаҷари масона** санги шошадон .

**ҲАҶАРУЛАСВАД** *а.* حجرالاسود *д.* санги сиёҳи муқаддаси Каъба (дар Макка).

**ҲАҶРУЛҚАМАР** حجرالقمر *маъд.* санги қамарӣ, моҳсанг.

**ҲАҶВ** I *а.* حجو 1. истодан, иқомат ихтиёр кардан дар ҷое. 2. подош додан. 3. нигаҳдорӣ, **ҳаҷви сир** роздорӣ. 4. ғолиб омадан дар мусобиқаи чистон.

**ҲАҶВ** II هجو 1. баён кардани айби касе ё чизе ба таври шӯхиомез. 2. накӯҳиш; бад гуфтан ва дашном додан касеро бо шеър; **ҳаҷв кардан** айби касеро мавриди ханда қарор додан.

**ҲАҶВГӮӢ** هجو گویی ҳаҷв гуфтан, ҳаҷв кардан.

**ҲАҶВГӮЙ** هجوگوی ҳаҷвкунанда.

**ҲАҶВИЁТ** هجویات маҷмӯаи ашъори ҳаҷвии шоире.

**ҲАҶВИЯ** هجو یه шеъри ҳаҷвӣ дар ҳаққи касе.

**ҲАҶВӢ** هجوی *мансуб ба* **ҳаҷв**; **маҷаллаи ҳаҷвӣ, шеъри ҳаҷвӣ**.

**ҲАҶВНАВИС** هجونویس нависандаи асарҳои ҳаҷвӣ (нависанда, шоир ё рассом).

**ҲАҶВНАВИСӢ** هجونویسی навиштани асарҳои ҳаҷвӣ.

**ҲАҶВНИГОР** هجونگار *ниг.* ҳаҷвнавис.

**ҲАҶВНОМА** هجونامه 1. номаи ҳаҷвӣ, ҳаҷвия. 2. силсилаи асарҳои ҳаҷвӣ.

**ҲАҶВОМЕЗ** هجوآمیز *ниг.* **ҳаҷвӣ**.

**ҲАҶЛА//ҲИҶЛА** حجله 1. хонаи ороставу муҷаҳҳаз барои арӯсу домод. 2. иморати мудаввар ва гунбадмонанд.

**ҲАҶМ** I *а.* حجم 1. он миқдори фазо, ки дар ихтиёри ҷисм қарор дорад; он ҳудуде, ки аз зарби дарозӣ, бар ва баландии ашё ба миён

меояд ва он бо воҳиди мукааб (куб) андоза карда мешавад; захомат, ҷасомат, гунҷ, гунҷоиш. 2. *умуман* андоза, миқдор; **ҳаҷми кор, ҳаҷми умумии маҳсулот**.

**ҲАҶМ** II حجم 1. боздоштан, манъ кардан аз чизе. 2. нештар зада хун макидан бо шиша ва шох; ҳиҷомат.

**ҲАҶМАН** حجما аз ҷиҳати ҳаҷм, бо ҳаҷми худ.

**ҲАҶМӢ** حجمی ҳаҷмдор, калон, ғафс, бузург, васеъ; таҳлили ҳаҷмӣ *физ.* таҳлили васеъ.

**ҲАҶОМАТ** *а.* حجامت хун гирифтан аз бадан ба воситаи шох; **шохи ҳаҷомат** шохе, ки ба воситаи он аз бадан хун кашида мегирифтанд.

**ҲАҶР** *а.* هجر ҷудоӣ, дурӣ, фироқ (*аз ёр, маҳбуба*).

**ҲАҶҶОМ** *а.* حجام 1. табибе, ки хун мегирад. 2. ҷарроҳ.

**ҲАШАМ** *а.* حشم хидматгорон ва асбоби шукӯҳу дабдаба.

**ҲАШАМАТ//ҲАШМАТ** *а.* حشمت дабдаба, шукӯҳу ҷалол; бузургӣ.

**ҲАШАМАТНОК** حشمتناک бо ҳашамат, пуршукӯҳ, дабдабадор (*мас.,бино*).

**ҲАШАР** *а.* حشر кори умумӣ бо мақсади ёрӣ ба якдигар (*мас.,барои ҷамъоварии ҳосил, сохтмони роҳ, тоза кардани ҷӯйборҳо ва г.*).

**ҲАШАРА** *а.* حشره ҷонвари майда аз қабили мӯр, малах, магас, занбӯр *ва г.*

**ҲАШАРӢ** حشری 1. *мансуб ба* **ҳашар**. 2. *таър.* сарбозе, ки силоҳи сабук дорад; аҳли силоҳ, пиёданафар.

**ҲАШАРОТ** حشرات *ҷ.* **ҳашара**.

**ҲАШАРОТХӮР** حشرات‌خور **парандаҳои ҳашаротхӯр** парандаҳое, ки ҳашаротро мехӯранд.

**ҲАШАРОТШИНОС** حشرات شناس мутахассисе, ки ба таҳқиқи ҳашарот машғул аст.

**ҲАШАРОТШИНОСӢ** حشرات شناسی соҳае, ки ба шинохту таҳқиқи ҳашарот машғул аст.

**ҲАШАРЧӢ** حشرچی иштирокдор дар ҳашар.

**ҲАШАРҶОЙ** حشرجای ҷое, ки маъракаи ҳашар барпо мегардад.

**ҲАШВ** *а.* حشو 1. *кӯҳ.* он чи ки чизеро ба он пур мекунад; пур кардани абраву астари либос, кӯрпа, болишт *ва г.* бо пахта, пашм ва чизҳои дигар. 2. нуқтаҳои дағали гиреҳмонанд дар тору пуди матои абрешимӣ, ки баъд аз бофта шудани он намоён шуда меистад. 3. гапи зиёдӣ, сухани зиёди бемаънӣ. 4. *адш.* сухани зиёде, ки дар миёни ҷумла бошад, ҷумла ё калимаи туфайлӣ.

**ҲАШИВОР//ҲУШИВОР** هشیوار *кит.* хирадманд, оқил, хушёр.

**ҲАШИШ** *а.* حشیش 1. алаф; алафи хушк; гиёҳ; гиёҳи хушк; хас. 2. моддаи ҳисбар ва масткунанда, ки аз барги канаб тайёр мешавад, чарс, банг.

**ҲАШМАТ** *а.* حشمت *ниг.* **ҳашамат**.

**ҲАШМАТПАРАСТ** حشمت پرست мақомпараст, ҷоҳпараст, мансабпараст.

**ҲАШР** *а.* حشر 1. ҷамъ кардан, ғун кардан; ҷамъомад, маҷлис, растохез. 2. *маҷ.* қиёмат.

**ҲАШРГОҲ** *а.* حشرگاه 1. ҷое, ки қиёмат барпо мешавад; майдони қиёмат. 2. *киноя аз* майдони ҷанг.

**ҲАШТ** هشت шумораи миқдории ҳашт; ◊ **ҳашт боғ (ё бӯстон)** ҳашт боғи биҳишт: **ҳашт ганҷ** номи ганҷҳои Хисрави Парвиз; Ганҷи Арӯс, Ганҷи Бодоворд, Ганҷи Деба, Ганҷи Афросиёб, Ганҷи Сӯхта, Ганҷи Хазро, Ганҷи Шодоворд, Ганҷи Бор; *муқ.* **ҳафт ганҷ.**

**ҲАШТАК** هشتک 1. бурҷест, ки дар боми ошхонаҳо барои дудбаро месозанд. 2. зардолуҳои қоқ, ки ба дарунаш ба ҷои донак мағзи дона андохта мехушконанд.

**ҲАШТКУНҶА** هشت‌کنجه *ҳанд.* сурати ҳандасӣ, ки ки ҳашт кунҷ дорад.

**ҲАШТМОҲА** هشت ماهه он чи ё он ки ҳашт моҳ умр дорад; ҳар чизе, ки аз пайдоишаш ҳашт моҳ гузаштааст.

**ҲАШТОБГАРӢ** هشتاب‌گری пиллакашӣ, бофандагӣ.

**ҲАШТОД** هشتاد рақами маълум, ҳашт бор даҳ.

**ҲАШТОДУМ** هشتادم дар шумори (тартиби) ҳаштод қарордошта.

**ҲАШТОДУМИН** هشتادمین *ниг.* **ҳаштодум**.

**ҲАШТРӮЯ** هشت رویه *ҳанд.* он чи ҳашт рӯ до-рад.

**ҲАШТОДСОЛА** هشتادساله он чи ё он ки умраш ба ҳаштод расида бошад.

**ҲАШТОДСОЛАГӢ**هشتادسالگی ба синни ҳаш-тод расидан; ҳаштод сол доштан.

**ҲАШТСАД** هشتصد рақами маълум ҳашт маротиба сад.

**ҲАШТСАДСОЛА** هشتصدساله он чи ё он ки умраш ба ҳашсад расида бошад.

**ҲАШТСАДСОЛАГӢ** هشتصدسالگی ба синни ҳашсад расидан; ҳаштсад сол доштан.

**ҲАШТСАДУМ** هشت صدم дар шумори (тар-тиби) ҳаштсад қарор дошта.

**ҲАШТСАДУМИН** هشت صدمین *ниг.* **ҳаштсадум**.

**ҲАШТСОАТА** هشت ساعته ҳаштсоатӣ; амале ё ҳар чизе, ки мӯҳлаташ ҳашт соат муқаррар шудааст.

**ҲАШТСОАТӢ** هشت ساعتی *ниг.* **ҳаштсоата.**

**ҲАШТСОЛА** هشتساله он ки ё он чи аз ҳастиаш ҳашт сол гузашта бошад.

**ҲАШТСОЛАГӢ** هشتسالگی ба синни ҳашт расидан; ҳашт сол доштан.

**ҲАШТУМ** هشتم дар шумори (тартиби) ҳашт қарордошта.

**ҲАШТУМИН** هشتمین *ниг.* **ҳаштумин.**

**ҲАШТЯК** هشتیک 1. аз ҳашт як ҳисса. 2. аз ҳашт як ҳиссаи мероси мард, ки аз рӯи шариат ба занаш мерасид.

**ҲАШ-ҲАШ** هش هش *садои тақлидии* нафас-гирии вазнин дар давидан.

**ҲАЮЛО** *ю.-а.* هیولا 1. *фалс.* модда, моддаи ас-лӣ, моҳияти ҳар чиз, гавҳар, материя. 2. мусаввада, ангора.

**ҲАЮЛОӢ** هیولایی 1. *фалс.* моддӣ, ҷисмонӣ. 2. дар шакли мусаввада, ангора.

**ҲАЮН** هیون *кҳн.* шутур, шутури тезрав.

**ҲАЯВОН** *а.* حیوان 1. мавҷуд, ҷондор, зинда. 2. чорпо, ҳайвон.

**ҲАЯЛ** *а.* حیل **:ҳаял кардан** таъхир кардан, дер мондан.

**ҲАЯҶОН** *а.* هیجان ҷӯшиши даруни одамӣ аз шавқ, шодӣ ё ғазаби аз ҳад зиёд; ба ҷӯшу хурӯш омадан, ҳолати изтироб.

**ҲАЯҶОНАНГЕЗ** هیجانانگیز ба ҳаяҷон оваран-да, музтарибкунанда.

**ҲАЯҶОНБАХШ** هیجان بخش *ниг.* **ҳаяҷонангез**.

**ҲАЯҶОННОК** هیجان ناک *ниг.* **ҳаяҷономез.**

**ҲАЯҶОНОВАР** هیجانآور боиси ҳаяҷоншаван-да, музтарибкунанда.

**ҲАЯҶОНОМЕЗ** هیجانآمیز дар ҳолати ҳаяҷон ва изтироб.

**ҲЕ** ح//ه *ниг.* **ҳавваз; ҳуттӣ**.

**ҲЕЗ** هیز он ки мубталои беқувватии тано-сулист, муханнас

**ҲЕЗАЛАК** هیزلک *гуфт.* 1. *ниг.* **ҳез**. 2. *киноя аз* марди ноӯҳдабаро, он ки аз дасташ кор намеояд.

**ҲЕЗӢ** هیزی беқувватии таносулӣ, хунсо будан, маҳрум будан аз қобилияти мардӣ.

**ҲЕЗУМ** هیزم чӯб ё шохаи хушк, ки барои сӯзишворӣ тайёр карда мешавад.

**ҲЕЗУМАРРАКУН** هیزم اره کن он ки бо арра ҳезум майда мекунад.

**ҲЕЗУМАРРАКУНӢ** هیزم اره کنی бо арра май-да кардани ҳезум.

**ҲЕЗУМБУР** هیزم بر касе, ки ҳезум мебурад.

**ҲЕЗУМБУРӢ** هیزم بری ҳезум буридан, амали ҳезумӣ.

**ҲЕЗУМКАФОН** هیزمکفان он ки бо табар ҳезум майда мекунад.

**ҲЕЗУМКАФОНӢ** هیزمکفانی ҳезум кафондан; ҳезум майда кардан, кори ҳезумкафон.

**ҲЕЗУМКАШ** هیزمکش он ки ҳезум мекашонад.

**ҲЕЗУМКАШӢ** هیزمکشی аз ҷое ба ҷое бурдани ҳезум, кори ҳезумкаш.

**ҲЕЗУМКАШОНӢ** هیزمکشانی бурдани ҳезум аз ҷое ба ҷое.

**ҲЕЗУМХОНА** هیزمخانه ҷои махсус барои нигоҳдории ҳезум.

**ҲЕЗУМЧИНӢ** هیزمچینی ҷамъ кардани чӯбу

шохаҳои хушк барои ҳезум.

**ҲЕЗУМШИКАН** هیزم شکن *ниг.* **ҳезумкафон**.

**ҲЕЗУМШИКАНӢ** هیزم شکنی *ниг.* **ҳезум кафонӣ**.

**ҲЕЗЧАШМ** هیزچشم ҳарза; он ки покии чашмро нигаҳ намедорад.

**ҲЕЙ** هی *нидо* ҳой, гӯш кун; огоҳ бош! **ҳей, ба по бархез.**

**ҲЕЛ** I هیل чинсе аз дорувори хушбӯй, монанд ба лиму.

**ҲЕЛ** II هیل *гуфт.* чои нигоҳдории тобистонаи чорвои майда (*буз, гӯсфанд*); оғил.

**ҲЕЛ-ҲЕЛ** هیل هیل **:ҳел-ҳел гаштан** бекор, сарсон гаштан.

**ҲЕМА** هیمه *кит.* 1. ҳезум, чӯби сӯхт, чуб барои сӯзишворӣ; **ҳемаи тар фурӯхтан** *киноя аз* фиреб додан, ҳуққабозӣ кардан. 2. *хӯр.* гӯштоба, хомшӯрбо.

**ҲЕМАДОН** هیمدان *кит., ниг.* **ҳемахона**.

**ҲЕМАКАШ** هیمه کش *кит.* ҳезумкаш, ҳаммоли ҳатаб; хоркаш

**ҲЕМАКАШӢ** هیمه‌کشی *кит.* ҳезумкашӣ, бо ҳезумкашӣ машғул будан

**ҲЕМАХОНА** هیمه خانه *кит.* чои нигаҳ доштани ҳезум, ҳезумхона, маҳтаб.

**ҲЕРБАД//ҲАРБУД** هیربد//هربد *кит.* 1. хидматгузори оташкада. 2. қозии зардуштиён.

**ҲЕРБАДХОНА** هیربد خانه *кит.* оташкада.

**ҲЕРБУД** هیربد *ниг.* **ҳербад**.

**ҲЕҶ** هیچ *ҷонишини инкорӣ*: 1. ҳаргиз, асло. 2. ягон. 3. *ҳиссачаи саволӣ* оё. 4. ҳамчун ҷузъи таркибҳо ба онҳо маънои инкорӣ медиҳад: **ҳеҷ вақт, ҳеҷ гоҳ, ҳеҷ гуна**, **ҳеҷ кас, ҳеҷ кадом;** 5. беқадр; **ҳеҷ аст** аҳамияте надорад, арзише надорад.

**ҲЕҶКОРА** هیچ کاره бекор, бекорхӯҷа.

**ҲЕҶМАДОН** هیچ مدان нодон.

**ҲИБОЛА** *а.* حباله қайд, банд; **ба ҳиболаи никоҳ даровардан** ба занӣ гирифтан.

**ҲИБР** I *а.* حبر сиёҳӣ, сиёҳии давот ва қалам.

**ҲИБР** II *а.* حبر *кӯҳ.* олим, хирадманд, доно, донишманд.

**ҲИДДАТ** *а.* حدت тезӣ, тундӣ.

**ҲИДОЯТ** *а.* هدایت роҳи рост нишон додан, роҳнамоӣ.

**ҲИДОЯТГАР** هدایت раҳнамоикунанда, раҳнамо.

**ҲИЗАБР//ҲИЖАБР** هزبر//هژبر *кит.* 1. шери даранда; шер. 2. *маҷ.* далер, шуҷоъ. нотарс.

**ҲИЗАБРАВЖАН** هزبراوژن *кит., ниг.* **ҳизабрандоз**.

**ҲИЗАБРАНДОЗ** هزبرانداز *кит.* шерафкан, шерандоз, далер, диловар.

**ҲИЗБ** *а.* حزب 1. гурӯҳи одамон, ки бо як мақсад муттаҳид шудаанд; фирқа, партия. 2. гурӯҳ, даста, фавҷ. 3. сипоҳ, лашкар; тобеин, мададгорон. 4. воҳиди тақсим кардани Қуръон, ки ба чаҳоряки ҷузъ ё пора баробар аст ва дар маҷмӯъ Қуръон аз 120 ҳизб иборат аст. 5. дар тасаввуф ва футувват тоифаест, ки ба як шахс мансуб аст.

**ҲИЗБӢ** حزبی *мансуб ба* **ҳизб**; узви ҳизб; мутаассиби ҳизб.

**ҲИЗБПАРАСТ** حزبپرست мӯътақид ба ҳизб; мутаассиби ҳизб.

**ҲИЗБУЛЛОҲ** حزب الله 1. ҳизби Худованд. 2. мӯъминон; гурӯҳи солеҳон.

**ҲИЗБПАРАСТӢ** حزب پرستی эътиқоди ҳизбӣ, таассуби ҳизбӣ.

**ҲИККАК//ҲИҚҚАК** هکّک//هقّک *ниг.* **ҳиккак**.

**ҲИКАМ** *а.* حکم *ҷ.* **ҳикмат**.

**ҲИКМАТ** I *а.* حکمت 1. илм, дониш. 2. доноӣ, хирадмандӣ, фазилат. 3. ҳилм, бурдборӣ, таҳаммул. 4. адл, адолат, дод. 5. Қуръон, китоби муқаддас. 6. панд, андарз, сухани пандомез; **ба Луқмон ҳикмат омӯхтан** омӯхтани чизе ба касе, ки аъламтар аст. 7. сабаб ва иллати ягон ҳодиса, сирри ягон ҳодиса; **арзон бе иллат нест, қимат бе ҳикмат**;

**ҲИКМАТ** II *а.* حکمت 1. *фалс.* илмест, ки дар он аз ҳақиқати ашё баҳс меравад. 2. дар тасаввуф сиррест, ки ошкор кардани он байни авом норавост ва оқибати ногувор

дорад.

**ҲИКМАТНОК** حکمت ناک : **сухани ҳикматнок** сухане, ки дар он панду насиҳате ҳаст ва ё моҳияти масъалае баён ёфтааст.

**ҲИКМАТОМЕЗ** حکمت آمیز *ниг.* **ҳикматнок**.

**ҲИКМАТОМӮЗ** حکمت آموز пандомӯз.

**ҲИКМАТОРО** حکمت آرا орояндаи ҳикмат, зебдиҳандаи ҳикмат.

**ҲИКМАТШИНОС** حکمت‌شناس оқил, хирадманд, файласуф.

**ҲИКМАТШИНОСӢ** حکمت‌شناسی оқилӣ, хирадмандӣ, файласуфӣ.

**ҲИКОЁТ** حکایات *ҷ.* **ҳикоя** (достонҳо, қиссаҳо).

**ҲИКОЯ(Т)** حکایه//حکایت 1. нақл кардани воқеае ё достоне. 2. асари бадеии мансури ҳаҷман хурд, ки дар он воқеа ё саргузаште баён меёбад; қисса, саргузашт; **ҳикоя кардан** нақл кардан, саргузаштеро ривоят кардан.

**ҲИКОЯБАНДӢ** حکایه‌بندی сохтани ҳикоя аз воқеаи дида ё шунидашуда.

**ҲИКОЯГӢ** حکایگی нақлӣ, қиссагӣ; **ҷумлаи ҳикоягӣ** ҷумлае, ки дар бораи воқеае ё ҳодисае маълумот медиҳад.

**ҲИКОЯГӮЙ** حکایه گوی қиссагӯй.

**ҲИКОЯНАВИС** حکایه‌نویس касе, ки қисса (ҳикоя) менависад.

**ҲИКОЯНАВИСӢ** حکایه نویسی машғул будан ба эҷоди қиссаву ҳикоя.

**ҲИКОЯТ** حکایت *ниг.* **ҳикоя**.

**ҲИҚҚАК** هقک садои канда – кандаи беихтиёре, ки бар асари нуқси меъда пай дар ҳам аз даҳон мебарояд, ҳиқак, саксака.

**ҲИҚҚАҚ** هقق *ниг.* **ҳиққак**.

**ҲИҚҚӢ** هقّی :**ҳиққӣ карда натавонистан** дар ҷавоби касе чизе гуфта натавонистан, садо баровaрда натавонистан.

**ҲИҚҚОС** هقّاس *ниг.* **ҳиқ-ҳиқ; ҳиққос задан**.

**ҲИҚ-ҲИҚ** هق هق ҳиққос, фиқ-фиқ; **ҳиқ-ҳиқ гиристан** фиқ-фиқ гиря кардан.

**ҳил** هیل *асоси замони ҳозираи феъли* **ҳилидан //** **ҳиштан**.

**ҲИЛ** I *а.* هیل як навъ доруворӣ хушбӯ.

**ҲИЛ** II حیل *ниг.* **ҳила.**

**ҲИЛА** حیله 1. макр, фиреб, тазвир. 2. чора, тадбир.

**ҲИЛАБОЗ** حیله باز *ниг.* **ҳилагар**.

**ҲИЛАГАР** حیله گر фиребгар, маккор.

**ҲИЛАГАРӢ** حیله گری маккорӣ, фиребгарӣ.

**ҲИЛАГАРОНА** حیله‌گرانه маккорона, фиребгарона.

**ҲИЛАКОР** حیله کار *ниг.* **ҳилагар**.

**ҲИЛАКОРӢ** حیله کاری *ниг.* **ҳилагарӣ**.

**ҲИЛАКОРОНА** حیله کارانه *ниг.* **ҳилагарона**.

**ҲИЛАОМЕЗОНА** حیله آمیزانه *ниг.* **ҳилагарона.**

**ҲИЛАСОЗ** حیله ساز *ниг.* **ҳилагар**.

**ҲИЛАҶУ(Й)** حیله جو(ی) *ниг.* **ҳилагар**.

**ҲИЛИДАН** هیلیدن *ниг.* **ҳиштан**.

**ҲИЛМ** حلم нармӣ, мулоимат; **ҳилм-ҳилм мулоим** нарм; **ҳилм-ҳилм пухта** нағз, мулоим пухта (*маъмулан, дар мавриди гӯшт мегӯянд*).

**ҲИЛОЛ** هلال моҳи нав (*то шаби севум*).

**ҲИЛОЛАБРӮ** هلال‌ابرو абрӯвони ба шакли моҳи нопурра, камонӣ, хамида.

**ҲИЛОЛӢ** هلالی ба шакли моҳи нопурра, досмонанд, камонмонанд, хамида.

**ҲИЛПИРОС** *гуфт.* هلپراس ҷунбидан, ба ҷунбиш омадан (*мас., байрақ аз вазиши бод*), эҳтизоз; **ҳилпирос задан**.

**ҲИМЕЛ** حمیل *ниг.* **ҳамоил**.

**ҲИММАТ** همّت 1. қасд, ирода, азми қавӣ, ҷаҳд, кӯшиш. 2. саховат, ҷавонмардӣ; **камари ҳиммат бастан** ба коре сахт азму ирода кардан.

**ҲИММАТБАЛАНД** همّت‌بلند олиҳиммат, назарбаланд.

**ҲИММАТБАЛАНДӢ** همّت بلندی саховатпешагӣ; назарбаландӣ.

**ҲИМОЯ(Т)** حمایه//حمایت нигаҳбонӣ, ҳафозат; мудофиа, пуштибонӣ; **ба зери ҳимоят гирифтан** пушту паноҳ шудан (*ба касе*); **ҳимоя**

**кардан** муҳофизат кардан, мудофиа кардан.

**ҲИМОЯГАР//ҲИМОЯТГАР** حمايه گر//حمايت گر ҳимоякунанда, мудофеъ, пушту паноҳ, пуштибон.

**ҲИМОЯКУНАНДА** حمايه كننده *ниг.* **ҳимоятгар**.

**ҲИМОЯТ** حمايت *ниг.* **ҳимоя**.

**ҲИМОЯЧӢ** حمايه چى мудофиакунанда, пуштибон.

**ҲИМОЯШАВАНДА** حمايه شونده ҳар касе ё чизе, ки мавриди ҳимоя, дифоъ, нигаҳбонӣ қарор мегирад..

**ҲИН** I هين *кит. калимаи нидо* 1. ана, инак; огоҳ бош, эҳтиёт шав. 2. шитоб кун, зуд.

**ҲИН** II حين вақт, ҳангом, дам, лаҳза; **дар як ҳин** дар як дам.

**ҲИН** III *а.* هين сел, селоб.

**ҲИНДБО** هند با коснӣ.

**ҲИНДБОӢ** هندبايى мутааллиқ ба ҳиндбо, аз коснӣ тайёршуда: **қаҳваи ҳиндбоӣ**.

**ҲИНДӢ** هندى мардуми Ҳиндустон, аҳли Ҳинд; **ҳинду эронӣ** *мансуб ба* **ҳиндӣ ва эронӣ**; **забонҳои ҳинду эронӣ**.

**ҲИНДУ** هندو 1. аҳли Ҳиндустон, ҳинду. 2. пайраи дини ҳиндувон. 3. посбон. 4. ғулом, банда, зархарид. 5. *маҷ.* сиёҳ; **холи ҳинду** холи сиёҳ.

**ҲИНДУАВРУПОӢ** هندواروپايى *мансуб ба* **минтақаи Ҳинд ва Аврупо; забонҳои ҳиндуаврупоӣ, халқҳои ҳиндуаврупоӣ**.

**ҲИНДУАВРУПОШИНОСӢ** هندواروپاشناسى соҳае, ки таҳқиқи минтақаи Ҳинд ва Аврупо машғул аст.

**ҲИНДУВОНА** I هندوانه ба тариқи ҳиндӣ, ба ҳиндӣ, ҳиндигӣ, монанди ҳинду.

**ҲИНДУВОНА** II هندوانه *кит.* тарбуз; ◊ **ҳиндувона зери бағали** *касе* **додан** касеро бо чизе мағрур кардан, ки ӯ лоиқи он набошад.

**ҲИНДУИЯ** هندوئيه мазҳаби ҳукмрон дар Ҳиндустон, ки ба бараҳманизм ва буддизм асос ёфтааст.

**ҲИНДУӢ** هندويى *мансуб ба* **ҳиндӣ**; *гуфт., маҷ.* одами дамдузд, канорачӯй.

**ҲИНДУСТОНӢ** هندوستانى *мансуб ба* **Ҳиндустон**; сокини Ҳиндустон; забони мардуми Ҳиндустон.

**ҲИНДУХИТОӢ** هندوختايى *мансуб ба* минтақаи Ҳинду Ҳитой; мардуми минтақаи Ҳинду Хитой.

**ҲИНДШИНОС** هندشناس муҳаққиқи Ҳиндустон ва мардуми он.

**ҲИНО** I حنا растаниест буттамонанд дорои гулҳои сафед, ки бо кӯфтаи он мӯй, дасту поро ранг мекунанд; **ҳино бастан** (мондан) гарди ҳиноро тар карда ба дасту по бастан, ки ранг гирад; ◊ **ба по ҳино бастан** суст рафтор кардан.

**ҲИНО** II هناء 1. қатрон. 2. хӯшаи борондидаи хурмо.

**ҲИНОБАНДӢ** حنابندى *ниг.* **ҳинобандон**.

**ҲИНОБАНДОН** حنابندان маросимест, ки дар арафаи арӯсӣ арӯсшаванда бо дугонаҳояш мегузаронад.

**ҲИНОГУЛ** حناگل номи навъе аз гул.

**ҲИНОКОР** حناكار касе, ки ҳино мекорад, корандаи ҳино.

**ҲИНОҲИН** هيناهين *кит.* дар ҳоли шитоб, шитобзадагӣ, саросема, саросемакорӣ.

**ҲИНҶОР** هنجار *ниг.* **ҳанҷор**.

**ҲИРҚА(Т)** حرقه//حرقت сӯзиш, сӯхтан.

**ҲИРМОН** *а.* حرمان ноумедӣ, маҳрумӣ, бенасибӣ.

**ҲИРМОНЗАДА** حرمانزده ноумедшуда, бенасибгардида, бенасиб.

**ҲИРОСАТ** I *а.* حراست муҳофиза, нигаҳбонӣ, посбонӣ.

**ҲИРОСАТ** II *а.* حراثت киштукор, зироат, деҳқонӣ.

**ҲИРОСАТПЕША** حراست پيشه нигаҳбон, посбон, мудофеъ.

**ҲИРС** حرس тамаи аз ҳад зиёд; гушначашмӣ; **ҳирси мол** орзӯи аз ҳад зиёди молғундорӣ.

**ҲИРСБАЛАНД** حرس بلند гурусначашм, хасис, тамаъкор.

**ҲИРФА(Т)** حرفه//حرفت касб, ҳунар, пеша;

**аҳли ҳирфа** косиб, ҳунарманд.

**ҲИС(С)** حس қобилияти дарки таассуроти берунӣ, дарк, дарёфт, пайбарӣ; қувваи дарёфт; **ҳисси сомеа** қувваи шунавоӣ; **ҳис кардан** пай бурдан ба чизе.

**ҲИСН** *а.* حصن паноҳгоҳ, қалъа; **ҳисни ҳасин** қалъаи дастнорас.

**ҲИСОБ** *а.* حساب 1. шумур, шумурдан, миқдор. 2. муҳосиба, доду гирифти пулӣ; **ба ҳисоб гирифтан** а) шуморидан, шумораи чизеро муайян кардан; б) чизеро ба назари эътибор гирифтан; **ҳисоб ёфтан** шумурда шудан, ба шумор рафтан; **ҳисоби кореро ёфтан** чорае ёфтан, роҳи ҳалли масъалаеро ёфтан; **ҳисоб кардан** а) шумурдан; пиндоштан; кори худро дуруст ҳисоб мекард. 3. илми ҳисоб, арифметика; **ҳисоби абҷад** *ниг.* **абҷад**, бо ҳарфҳои арабӣ, ки ҳар як рақами муайянро ифода мекунад, моддаҳои таърихи ҳодисаеро баён кардан ва баровардан.

**ҲИСОББАРӢ** حساب بری ҳисоб бурдан; **мошини ҳисоббарӣ** дастгоҳе, ки танзими ҳисобу китоб ва назорати муттасили онро ба зимма дорад.

**ҲИСОББАРОР** حساببرار мошини ҳисоббарор, мошини ҳисобкунанда.

**ҲИСОББАРОРӢ** حساب برآری ҳисоб кардан, ҳисоб карда баровардан.

**ҲИСОБГАР** حساب گر 1. ҳисобкунанда, *маҷ.* он ки ба ҳисоб мегирад. 2. босарфа, сарфакор; боандеша, дурандеш, эҳтиёткор.

**ҲИСОБГАРӢ** حسابگری 1. ҳисобкор будан, ҳисобкунандагӣ. 2. *маҷ.* сарфакорӣ; боандешагӣ; дурандешӣ, эҳтиёткорӣ.

**ҲИСОБГИР** حساب گیر баҳисобгиранда.

**ҲИСОБГИРӢ** حسابگیری аз касе шумури чизеро гирифтан.

**ҲИСОБГОҲ** حسابگاه ҷой ва макони ҳисоб, **ҳисобгоҳи ҳашр** майдони қиёмат.

**ҲИСОБДОН** حسابدان каси аз илми ҳисоб хабардор; касе ки муҳосиба карда метавонад.

**ҲИСОБДОНӢ** حساب دانی аз илми ҳисоб бохабар; донандаи ҳисоб.

**ҲИСОБДОР** حساب دار касе ки муомила, дахлу харҷи муассисаеро идора мекунад.

**ҲИСОБДОРӢ** حساب داری 1. кор ва вазифаи ҳисобдор. 2. ҷои ҳисобдорӣ, шӯъбаи муассиса, ки ҳисобу китоби онро мебарад.

**ҲИСОБӢ** حسابی муҳосиба, ҳисоботи дахлу харҷ, ҳисобдиҳӣ ва ҳисобгирӣ; **ҳисобӣ кардан** яктарафа кардан, ба миён гузоштани дахлу харҷ ё кор ва музд.

**ҲИСОБКОР** حسابکار нархгузор, нархмонанда, мошини ҳисобу китобгар.

**ҲИСОБКОРӢ** حسابکاری нархгузорӣ, нархмонӣ.

**ҲИСОБКУНАК** حسابکنک асбоб барои шумурдани чизе; ҳисобкунаки газ, ҳисобкунаки барқ, ҳисобгар .

**ҲИСОБКУНАНДА** حساب کننده 1. ҳисобгар. 2. *ниг.* **ҳисобкор**.

**ҲИСОБКУНӢ** حسابکنی шумурдан, ҳисобу китоб кардан.

**ҲИСОБОТ** *а.* حسابات 1. муҳосиба. 2. хулосаи кор ва фаъолияти касе ё муассисае; **ҳисобот додан** дар бораи кори кардашуда ё дахлу харҷ маълумот додан (ё маърӯза кардан).

**ҲИСОБОТДИҲАНДА** حسابات دهنده касе ки аз кор ва фаъолияти худ гузориш медиҳад.

**ҲИСОБОТДИҲӢ** حساباتدهی ҳисобот додан, оид ба анҷом ё иҷрои коре маълумот додан.

**ҲИСОБОТӢ** حساباتی *мансуб ба* **ҳисобот**; **маҷлиси ҳисоботӣ** маҷлисе, ки касе аз кори худ ё фаъолияти ташкилоте гузориш медиҳад.

**ҲИСОБРАС** حساب رس *иқт.* аудитор.

**ҲИСОБРАСӢ** حساب رسی *иқт.* аудит.

**ҲИСОБЧӢ** حسابچی ҳисобдор, ҳисобгар; ба ҳисобгирандаи коре.

**ҲИСОБШАВАНДА** حسابشونده шумурдашаванда.

**ҲИСОМ//ҲУСОМ** *а.* حسام *кит.* шамшер, теғ.

**ҲИСОР** *а.* حصار 1. девор, девори даври қалъа. 2. қалъа; **ҳисори баланд** девори баланд.

**ҲИСОРДОРӢ** حصارداری *кит.* нигаҳдории қалъа, қалъабонӣ.

**ҲИСОРӢ** حصاری 1. бо девор иҳоташуда. 2. *мансуб ба* **қалъа**; қалъавӣ. 3. шаҳр ё одами муҳосирашуда.

**ҲИСРИМ** *а.* حصرم ғӯраи ангур; меваи норасида, *мас.*, *хурмо.*

**ҲИСС** *а.* حس *ниг.* **ҳис**.

**ҲИССА** حصه як қисм аз чизе; бахра, саҳм; **ҳиссаҳои нутқ** *грам.* ҳиссаҳои морфологии нутқ (забон).

**ҲИССАБАХШ** حصه‌بخش тақсимкунандаи бахра, саҳм.

**ҲИССАГӢ** حصگی *мансуб ба* **ҳисса**; шарикӣ.

**ҲИССАГУЗОР** حصه‌گذار касе ки дар коре ҳиссае дорад.

**ҲИССАГУЗОРӢ** حصه گذاری дар коре шарикӣ кардан, саҳм гузоштан.

**ҲИССАДОР** حصه دار саҳмдор, шарик.

**ҲИССАДОРӢ** حصه داری ширкат, саҳмдорӣ.

**ҲИССАЧА** حصه چه 1. зарра, ҷузъ. 2. ҳиссаи нутқ.

**ҲИССИЁТ** *а.* حسیات *ҷ.* **ҳис**; эҳсос, мушоҳидаҳои ҳиссӣ.

**ҲИССИЁТПАРАСТ** حسیات پرست ба таъсири ҳиссиёт додашаванда.

**ҲИССӢ** حسی 1. *мансуб ба* **ҳис.** 2. лирикӣ ҳиссиётпарвар.

**ҲИСШАВАНДА** حس‌شونده эҳсосшаванда, қобили ҳис.

**ҲИФЗ** *а.* حفظ нигаҳдорӣ, нигаҳбонӣ, муҳофизат; **ҳифзи сиҳат** нигаҳдории тандурустӣ; **ҳифз кардан** а) нигаҳдорӣ (нигаҳбонӣ) кардан; б) ёд кардан аз бар кардан.

**ҲИФОЗАТ** *а.* حفاظت нигаҳдорӣ, муҳофизат.

**ҲИФОЗАТДОР** حفاظت‌دار муҳофизатдор; бехатар.

**ҲИҶЛА** *а.* حجله *ниг.* **ҳаҷла**.

**ҲИҶО** I *а.* هجا 1. *збш.* ҳар банди овози садонокдори як калима (*мас., калимаи пахта аз ду ҳиҷо иборат аст: пах-та*); 2. *адш.* воҳиди вазни шеър.

**ҲИҶО** II *а.* هجا асаре (*бештар манзум*), ки дар он касе ё ҳодисае сахт масхара карда шудааст, ҳаҷв, сатира.

**ҲИҶОБ** حجاب 1. парда. 2. ниқоб, рӯпӯш, рӯ пӯшондан (*мас., зан аз мард*).

**ҲИҶОӢ** هجایی :шеъри ҳиҷоӣ шеъре, ки асоси вазни он ба эътибор гирифтани ҳиҷоҳост.

**ҲИҶР** *а.* هجر *ниг.* **ҳаҷр**.

**ҲИҶРАТ** *а.* هجرت 1. кӯчидан, аз шаҳре ба шаҳри дигар кӯчида ҷойгир шудан; **ҳиҷрат кардан** кӯчида рафтан аз ватан ба ҷои дигар. 2. аввали солшумории қамарии исломӣ (16 июли соли 622 мелодӣ), ки аз кӯчидани Муҳаммади пайғамбар (с) аз Макка ба Мадина ибтидо гирифтааст.

**ҲИҶРӢ** هجری солшумории қамарӣ; *ниг.* **ҳиҷрат** 2.

**ҲИҶРОН** هجران ҷудоӣ, дурӣ аз ёру дӯстон, махсусан аз маъшуқ.

**ҲИҶРОНЗАДА** هجران‌زده гирифтори ҳиҷрон, дурафтода аз ёру диёр; ғариб.

**ҲИҶРОНДИДА** هجران دیده касе, ки дурӣ, ҷудоиро дидааст, аз сар гузаронидааст.

**ҲИҶҶА** هجه усули алифбоомӯзии кӯҳна, ки ҳарфҳои ҳиҷоҳоро бо якдигар ҷанг андохта аз ҳиҷоҳо калима сохта мехонданд; (*мас., барои хондани калимаи Аҳмад: алиф бо ҳе забар "аҳ" мим бо дол забар – "мад" – Аҳмад*).

**ҲИШТАН** هشتن 1. тарк кардан, партофтан, мондан. 2. гузоштан, сар додан, раҳо кардан.

**ҲИЯЛ** *а.* حیل *ҷ.* **ҳила**.

**ҲО** I ها *ниг.* **ҳавваз**; хуттӣ.

**ҲО** II ها *ҷонишини ишоратӣ* ана, ин, он; **ҳо дар он ҷо**.

**ҲО** III ها *нидо* ҳой, ой, эй; **ҳо, бачаҳо, куҷо меравед?**

**ҲО** IV ها *ҳиссачаи тасдиқ* оре, бале, ҳа; ҳо, бале; **ҳо, ҳамин тавр буд**.

**ҲОВАН** هاون зарфест аз санг ё филиз, ки дар он чизеро андохта кӯфта майда мекунанд, уғур.

**ҲОВАНДАСТА** هاون دسته дастаи ҳован, ки бо он чизеро дар ҳован андохта мекӯбанд.

**ҲОВИЯ** *а.* هاویه *д.* номи табақаи ҳафтуми дӯзах, дӯзах.

**ҲОВИЯБАНД** هاویه بند маҳбус дар дӯзах, гирифтори дӯзах.

**ҲОВИЯМИСОЛ** هاویه مثال 1. монанди дӯзах. 2. дӯзахӣ, ҷаҳаннамӣ.

**ҲОВӢ** *а.* حاوی *кит.* иҳотакунанда, дарбаргиранда; **ҳовии чанд масоил**.

**ҲОД(Д)** *а.* حاد *кит.* бурро, тез (*корд ва г.*).

**ҲОДИС** *а.* حادث чизе ки нав пайдо шудааст, нав пайдошуда; *муқ.* **қадим**; **оламу ҳодис; одаму ҳодис** иборахое, ки эҳтимоли шудани ҳар гуна ҳодисаҳоро ифода мекунанд; **ҳодис шудан** пайдо шудан, рӯй додан.

**ҲОДИСА** *а.* حادثه 1. воқеа, воқеаи нав. 2. пешомад, рӯйдод, тасодуф; **ҳодисаи ногаҳонӣ** воқеаи нохост ва ғайри чашмдошт.

**ҲОДИСАПАРВАРД** حادثه‌پرورد он ки дар натиҷаи аз сар гузаронидани ҳодисаҳо ботаҷриба шудааст.

**ҲОДИСАХЕЗ** حادثه خیز ҷое, ки дар он ҳодисаҳо бисёр рух медиҳад; **базмгаҳи ҳодисахез** *киноя аз* **дунё**.

**ҲОДӢ** *а.* هادی *кит.* роҳнишондиҳанда, роҳнамо, ҳидояткунанда.

**ҲОЖ** هاژ ҳайрон, фурӯмонда, дармонда, саргашта.

**ҲОЖИДАН** هاژیدن 1. нигаристан, нигоҳ кардан. 2. фарёд кардан.

**ҲОЖУИДАН** هاژوئیدن *кит.* ҳайрон мондан, саргардон шудан.

**ҲОЗИҚ** *а.* حاذق устоди комил, доно, моҳир (*дар илми тиб*); **табиби ҳозиқ**; **ҳакими ҳозиқ**.

**ҲОЗИЛ** *а.* هازل шӯхикунанда, ҳазлбоз.

**ҲОЗИМ** حاضم ҳар чизи ҳазмкунандаи хӯрок.

**ҲОЗИМА** هاضمه ҳазми хӯрок, қувваи ҳазмкунандаи хӯрок дар меъда: **узвҳои ҳозима, қувваи ҳозима**.

**ҲОЗИР** حاضر 1. ҳузурдоранда, ҳузурдошта; *муқоб.* **ғоиб**. 2. омода, тайёр. 3. мавҷуд, ҳозира, муҳайё. 4. алъон, ҳамин вақт; **ҳозир меояд; ҳозирғоиб кардан** будагон ва набудагонро санҷидан (*мас., дар синф*); **ҳозир будан** а) тайёр будан, омода будан; б) ҳузур доштан; **ҳозир кардан (намудан)** тайёр кардан, омода гардонидан; **ҳозир шудан** а) тайёр шудан, омода шудан; б) омадан, пайдо шудан.

**ҲОЗИРА** حاضره *мансуб ба* вақти ҳозир; ҳозиразамон, кунунӣ; **адабиёти ҳозира; шароити ҳозира; замони ҳозира** а) вақти ҳозира; б) *грам.* замони ҳозираи феъл.

**ҲОЗИРАЗАМОН** حاضره زمان *мансуб ба* **замони ҳозира**; чизи нав, кас ва чизи кунунӣ, муосир; **бинои ҳозиразамон; илми ҳозиразамон; шаҳри ҳозиразамон.**

**ҲОЗИРАКАК** حاضرکک *гуфт.* худди ҳозир, алъон, навакак.

**ҲОЗИРАНГӢ** حاضرنگی *гуфт.* ҳар чиз ва амали ҳозир дидашуда ё ҳозир ба вуқӯъ пайваста.

**ҲОЗИРҒОИБ** حاضر غایب номбар кардан, як ба як ҷеғ задан.

**ҲОЗИРИН** *а.* حاضرین ҳозир будагон, ҳозирон, ҳузур доштагон.

**ҲОЗИРӢ** حاضری тайёрӣ, омодагӣ**; бе ҳозирӣ** бе тайёрӣ; **ҳозирӣ дидан** тайёрӣ дидан, тайёр шудан.

**ҲОЗИРХИДМАТ** حاضرخدمت ба хидмат ҳозир, шахси ҳамеша ба хидмат тайёр.

**ҲОЗИРХИДМАТӢ** حاضرخدمتی хизматрасонӣ, боилтифотӣ.

**ҲОЗИРҶАВОБ** حاضرجواب каси омодаи ҷавоб, он ки бадоҳатан ҷавоб медиҳад.

**ҲОЗИРҶАВОБӢ** حاضرجوابی ҳозирҷавоб будан, бадоҳатан ҷавоб дода тавонистан.

**ҲОЗИРШАВӢ** حاضرشوی 1. ҳозир шудан, омадан; **ба маҷлис ҳозиршавӣ**. 2. тайёр шудан, омодагӣ.

**ҲОИЛ//ҲОЙИЛ** حائل//حایل *кит.* 1. монеъшаванда, боздорандаи миёни ду чиз, монеъ ба пайвастани ду чиз. 2. чизе ки байни ду чиз истода онҳоро аз ҳам ҷудо мекунад.

**ҲОИТ** حائط девор, боғи атрофаш деворкашида.

**ҲОЙ** های *нидо* эй, ой, огоҳ бош! **ҳой бача! ҳой, мардум!**

**ҲОЙ-ҲОЙ** های های 1. садои гиряи баланд ва

сахт; ҳой-ҳой гиря кардан. 2. чи хуш, чи қадар нағз (*дар мавриди таъриф*).

**ҲОЙ-ҲУЙ//ҲОЮ-ҲУЙ** های هوی//های‌وهوی шӯру ғавғо, ғалоғула; **ҳой-ҳуи бачагон; ҳой-ҳуй бардоштан**; **ҳой-ҳуй кардан**.

**ҲОКАЗО** *а.* هکذا ҳамин хел, ба ин тартиб, ҳамин тавр, ғайраву ғайра; **ва ҳоказо** ва ғайра.

**ҲОКИМ** حاکم ҳукмкунанда, фармонфармо.

**ҲОКИМИЯТ** حاکمیت ҳукумат, ҳукмронӣ; **ҳокимияти сиёсӣ**; ҳокимият доштан.

**ҲОКИМИЯТДӮСТ** حاکمیت‌دوست *ниг.* ҳокимиятпараст.

**ҲОКИМИЯТДӮСТӢ** حاکمیت‌دوستی *ниг.* **ҳокимиятпарастӣ**.

**ҲОКИМИЯТПАРАСТ** حاکمیت‌پرست ҳокимиятдӯст, мансабпараст, риёсатталаб.

**ҲОКИМИЯТПАРАСТӢ** حاکمیت‌پرستی ҳокимиятдӯстӣ, мансабпарастӣ, риёсатталабӣ.

**ҲОКИМӢ** حاکمی ҳукмронӣ, ҳукумат рондан (ҳамчун ҳоким); **ҳокимӣ кардан** ҳукмронӣ кардан.

**ҲОКИМНИШИН** حاکم نشین *таър.* мавзее, ки дар он ҳоким қарор мегирифт ва фармонфармоӣ мекард; музофот ё вилояте, ки ба ҳокиме вобаста карда шудааст.

**ҲОКИМХОНА** حاکم خانه 1. *таър.* идораи маъмурии ҳоким. 2. хонаи ҳоким.

**ҲОКӢ** *а.* حاکی баёнкунанда, ҳикояткунанда, гӯянда.

**ҲОЛ** *а.* حال 1. аҳвол, вазъият чигунагӣ, чигунагии чизе; **арзи ҳол** баёни ҳолу вазъият; **тарҷимаи ҳол** шарҳи аҳвол, **шарҳи ҳол** баёни ҳол, тафсилоти авҳол; **ҳақиқати ҳол** чигунагии ҳақиқати вазъият; **ҳасби ҳол** чигунагии аҳвол, шарҳи аҳвол. 2. қувват, дармон; **ба қадри ҳол** ба қадри қуввату тавон; 3. вазъи саломатӣ, тандурустӣ; **ҳолаш бехтар гардид; ҳолу аҳвол** саломатӣ, вазъу ҳолат; **ранг бину ҳол пурс** (*зарб.*). 4. минвол, вазъ; **бо ин ҳол** ба ин минвол. 5. замони ҳозир, ҳозир; **дар айни ҳол** дар айни замон, вобаста ба ин; **то (ба) ҳол** ҳанӯз, то ин дам; **дар ҳар ҳол; ба ҳар ҳол** ба ҳар сурат, ҳар чи ҳам бошад; **(ва) ҳол он ки** дар сурате ки; аз ҳол рафтан суст шудан, бехуд гаштан; **ба ҳоли худ гузоштан** (мондан) ба ихтиёри худ мондан (касеро, чизеро), кордор нашудан.

**ҲОЛА** هاله доираи ғуборолуд дар гирди моҳ, хирмани моҳ.

**ҲОЛАТ** *а.* حالت 1. чигунагӣ, вазъият, ҳол; **ҳолати аввала** вазъияти пештара; **ҳолати рӯҳӣ** чигунагии вазъи рӯҳӣ; **дар ҳолате ки** дар сурате ки, дар вазъияте ки. 2. вазъият, ҳодиса, воқеа. 3. вақт, замон; **дар ҳолати...** дар вақти..., дар шароити.... 4. мадор, қувват, маҷол, дармон; **ҳолати бевазнӣ** вазъияти набудани вазн (*дар сурати озод будан аз қувваи кашиши замин*).

**ҲОЛДОН** حالدان 1. донандаи ҳолу аҳвол, огоҳ, бохабар; воқиф аз чигунагии воқеа. 2. ҳамроз, ҳамадам; **дӯсти ҳолдон ва ҳамдам**; **ҳолдон будан** бохабар аз ҳолу аҳвол будан, хуб шинос будан; **ҳолдон шудан** аз ҳолу аҳвол хабардор шудан, шинос шудан.

**ҲОЛИБ** *а.* حالب 1. дӯшанда, ширдӯш. 2. роҳе, ки шоша ба воситаи он аз гурда ба шошакдон меояд; роҳи бавл.

**ҲОЛИЁ** حالیا *кит.* ҳоло, акнун.

**ҲОЛӢ** *а.* حالی ороишёфта, ороста, зинатёфта (*бо тилло ва ҷавоҳир*), зарандуд.

**ҲОЛО** حالا 1. ҳозир, алҳол, дар вақти ҳозира. 2. акнун, кунун. 3. ҳанӯз, дар ин дам; **ҳоло ин масъала давом дошт; аз ҳоло** аз ҳозир, аз ҳамин дам.

**ҲОЛПУРСӢ** حال پرسی аҳвол пурсидан, ҳолу аҳвол пурсон шудан, саломатӣ ва чигунангии кору бори касеро пурсидан; хабар гирифтан аз ҳоли бемор.

**ҲОЛҶӮӢ** حال جوئی *ниг.* **ҳолпурсӣ**.

**ҲОМИГӢ** حامیگی ҳомӣ будан; ҳимоятгарӣ, пуштупаноҳ будан.

**ҲОМИД** *а.* حامد шукркунанда, ситоишгар, санохон.

**ҲОМИЗ** *а.* حامض 1. *кит.* турш, туршмаза. 2. туршӣ, кислота; **ҳомизи азот** кислотаи (туршии) азот; **ҳомизи кибрит** туршии гӯгирд.

**ҲОМИЛ** *а.* حامل баранда, барорандаи бор;

бордор.

**ҲОМИЛА** *а.* حامله зани бордор, обистан, дуҷон; **ҳомила будан** дар батн бача доштан, дуҷон будан; **ҳомила шудан** дуҷон шудан.

**ҲОМИЛАГӢ** حاملگی дуҷонӣ, давраи ҳомилагӣ.

**ҲОМИЛАДОР** حامله دار *ниг.* **ҳомила**.

**ҲОМИЛАДОРӢ** حامله داری *ниг.* **ҳомилагӣ**.

**ҲОМӢ** I *а.* حامی *мансуб ба* **Ҳом**; яке аз писарони Нӯҳ (а).

**ҲОМӢ** II *а.* حامی ҳимоятгар, пуштибон, тарафгир, мададгор.

**ҲОМӢ** III هامی *кит.* саргардон, ҳайрон.

**ҲОММА** هامه *кит.* 1. ҳайвони хазанда ва газандаи заҳрнок, махсусан мор. 2. хазанда, ҳашарот.

**ҲОМУНБУР** هامون بر 1. тайкунандаи ҳомун, он ки аз биёбон мегузарад. 2. *маҷ.* тезрав, сабуксайр.

**ҲОМУННАВАРД** هامون‌نورد тезрав (*оид ба асп*).

**ҲОН** هان *нидо* огоҳ бош, хабардор бош, ҳуш дор.

**ҲОНИС** *а.* حانث шикананда, вайронкунанда (қасамро): **ҳониси қасам**.

**ҲОНУТ** *а.* حانوت 1. дӯкон. 2. дӯкони майфурӯшӣ.

**ҲОР** هار девона; **саги ҳор; ҳор шудан** девона шудан чун саг.

**ҲОРӢ** هاری девонагӣ.

**ҲОР(Р)** *а.* حار гарм, сӯзон.

**ҲОРРА** *а.* حاره *кит.* гарм, сӯзон; **минтақаи ҳорра** минтақаи гармсер.

**ҲОРИС** I *а.* حارث деҳқон, барзгар, зореъ, зироаткунанда.

**ҲОРИС** II *а.* حارس посбон, нигоҳдоранда.

**ҲОРИС** III *а.* حارص *ниг.* **ҳарис**.

**ҲОСИД** *а.* حاسد ҳасадбаранда, нотавонбин, ҳасуд.

**ҲОСИДӢ** حاسدی нотавонбинӣ, ҳасудӣ.

**ҲОСИДОНА** حاسدانه бо ҳасадбарӣ, нотавонбинона.

**ҲОСИЛ** *а.* حاصل 1. бор, самар, маҳсул, ки аз зироат, боғдорӣ, чорводорӣ, истеҳсолот *ва г.* ба даст оварда мешавад; **ҳосили баланд, ҳосили бисёр, ҳосили фаровон.** 2. натиҷа, маҳсул, ҳар чизе ки аз кору амал ба даст меояд. 3. нафъ, фоида, суд; **ҳосили кор** маҳсули кор, натиҷаи кор; **ҳосили меҳнат** самараи кор; **ҳосил бардоштан** ҳосил ғундоштан (гирифтан), самара ба даст овардан; **ҳосил гирифтан** маҳсул ба даст овардан; **ҳосил кардан** ба даст овардан; **ҳосил шудан** а) ба даст омадан; б) ба вуҷуд омадан, пайдо шудан; **қаноат ҳосил кардан** қонеъ шудан. 4. *риёз.* натиҷаи амалиёти арифметикӣ: **ҳосили зарб, ҳосили тарҳ, ҳосили ҷамъ, ҳосили тақсим**.

**ҲОСИЛБАНДӢ** حاصل‌بندی ҳосил бастан, ба ҳосил даромадан.

**ҲОСИЛБАРДОРӢ** حاصل‌برداری ғунучини ҳосил, ҷамъоварии ҳосил.

**ҲОСИЛГАРАВ** حاصل‌گرو *таър.* ҳосили замин, ки барои адои қарзи гирифташуда ба гарав монда мешуд; **ҳосилгарав кардан** маҳсули заминеро пешакӣ ба гарав мондан; **ҳосилгарав шудан** ба гарав монда шудани ҳосили оянда.

**ҲОСИЛҒУНДОР** حاصل‌غندار ғундорандаи ҳосил, ҷамъоварандаи ҳосил; **техникаи ҳосилғундор**.

**ҲОСИЛҒУНДОРӢ** حاصل‌غنداری ғундоштани ҳосил, ҷамъоварии ҳосил.

**ҲОСИЛДЕҲ** حاصل ده ҳосилдиҳанда, ҳосилдор, серҳосил; **замини ҳосилдеҳ; навдаи ҳосилдеҳ.**

**ҲОСИЛДИҲАНДА** حاصل دهنده *ниг.* **ҳосилдеҳ**.

**ҲОСИЛДИҲӢ** حاصل‌دهی ҳосил додан, ҳосил овардан.

**ҲОСИЛДОР** حاصل دار *ниг.* **ҳосилдеҳ**.

**ҲОСИЛКУНАНДА** حاصل‌کننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **ҳосил кардан**.

**ҲОСИЛНОК** حاصل ناک 1. самаранок, серҳосил. 2. маҳсулдор, сермаҳсул. 3. натиҷабахш, натиҷадор.

**ҲОСИЛНОКӢ** حاصل‌ناکی 1. серҳосилӣ, ҳосило-

варӣ: **ҳосилнокии зироат**. 2. самаранокӣ, маҳсулнокӣ: **ҳосилнокии меҳнат**.

**ҲОСИЛОВАР** حاصل آور ҳосилдиҳанда.

**ҲОСИЛХЕЗ** حاصلخیز ҳосилдеҳ, ҳосиловар; **замини ҳосилхез**.

**ҲОСИЛХЕЗӢ** حاصلخیزی ҳосиловарӣ, серҳосилӣ.

**ҲОСИЛШАВАНДА** حاصلشونده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **ҳосил шудан**. 2. чизе, ки ҳосил мешавад; ба вуҷуд меояд: **ғаллаи ҳосилшаванда, таассуроти ҳосилшаванда**.

**ҲОСИЛШУДА** حاصلشده ба вуҷудоамада, пайдошуда: **таассуроти ҳосилшуда**.

**ҲОССА** *а.* حاسه қуввае, ки ба воситаи он чизеро ҳис мекунанд ва дармеёбанд.

**ҲОТА** حاطه *гуфт.* 1. замини ҳавлӣ, замини гирдаш иҳоташудаи ҳавлӣ ё боғча; ҳаёт. 2. девори атрофи замини ҳавлӣ ё боғча.

**ҲОТАМ** *а.* حاتم дар адабиёти классикӣ номи шахсе аз қабилаи Тайи араб, ки дар саховату бахшиш машҳур шудааст; накӯкор, сахӣ, ҷавонмард; **ҳотами даврон; ҳотами замон**; ◊ **гӯри Ҳотамро лагад зад** камоли саховатмандӣ нишон додани касеро таъкид кардан.

**ҲОТАМӢ** حاتمی саховатмандӣ, бахшояндагӣ, мисли Ҳотам сахӣ будан.

**ҲОТАМОНА** حاتمانه монанди Ҳотам; саховатмандона, бахшишкорона.

**ҲОТИФ** *а.* هاتف *кит.* овоздиҳанда, ҷеғзананда, нидокунанда; касе, ки овозаш шунида мешаваду худаш дида намешавад.

**ҲОФИЗ** حافظ 1. чизеро аз ёд кардан; ҳофизи Қуръон, касе, ки Қуръонро ёд кардааст. 2. сароянда, сурудхон: **ҳофизи халқ**.

**ҲОФИЗА** حافظه қобилияти дар ёд нигоҳдории таассурот, ёд; **қувваи ҳофиза** лаёқати дар ёд нигоҳ доштан.

**ҲОФИЗӢ** حافظی 1. сурудхонӣ, мутрибӣ, сарояндагӣ: **ҳофизӣ кардан**. 2. суруд.

**ҲОҶ(Ч)** *а.* حاج *ниг.* **ҳоҷӣ**.

**ҲОҶАТ** *а.* حاجت 1. эҳтиёҷ, ниёзмандӣ, зарурат; **ба ин ҳоҷати эзоҳ нест**. 2. даркор, зарур, лозим; **чизе, ки аён аст, ҳоҷат ба баён нест** (*зарб.*); **ҳоҷати** *касеро* **баровардан** эҳтиёҷи касеро қонеъ кардан.

**ҲОҶАТБАРОР** حاجت برار он ки эҳтиёҷи касеро баҷо меоварад, қонеъкунандаи ҳоҷати касе.

**ҲОҶАТБАРОРӢ** حاجت برآری ҳоҷати касеро баровварда, ҳоҷатбарор будан.

**ҲОҶАТМАНД** حاجت مند касе, ки ба чизе, коре ҳоҷат дорад, эҳтиёҷманд, мӯҳтоҷ.

**ҲОҶАТМАНДӢ** حاجتمندی эҳтиёҷмандӣ, мӯҳтоҷӣ, ҳоҷатманд будан.

**ҲОҶАТХОНА** حاجتخانه ҷои қазои ҳоҷат, обрез.

**ҲОҶИБ** I *а.* حاجب парда, чодар.

**ҲОҶИБ** II *а.* حاجب *кит.* дарбон, пардадор.

**ҲОҶИБ** III *а.* حاجب абрӯ; **қавси ҳоҷиб** камони абрӯ.

**ҲОҶИБ** IV *а.* حاجب *адш.* як навъи радиф; радифи дохилӣ.

**ҲОҶИЗ** *а.* حاجز он чи ба миёни ду чиз даромада бошад, монеъ, ҳоил; **ҳиҷоби ҳоҷиз** *ниг.* **ҳиҷоб**.

**ҲОҶИГӢ** حاجیگی *мансуб ба* **ҳоҷӣ**; **номи ҳоҷигӣ**.

**ҲОҶӢ** I حاجی он ки зиёрати Каъба дар Макка карда бошад.

**ҲОҶӢ** II هاجی ҳаҷвкунанда, ҳаҷвгӯй.

**ҲОШАЛИЛЛОҲ//ҲОШОЛИЛЛАҲ** حاشالله 1. дур дорад Худо аз бадӣ!; Худо нигаҳ дорад, паноҳ бар ту Худоё!. 2. ҳаргиз, ҳеҷ вақт, мабодо.

**ҲОШИЯ** حاشیه 1. канори ҳар чиз, канори саҳифаҳои китоб, ки қайду шарҳ навиштан мумкин бошад. 2. шарҳ доир ба матн ё оид ба тафсири ягон китоб.

**ҲОШИЯБАНДӢ** حاشیهبندی 1. танзим ва дуруст кардани ҳошияи чизе. 2. ҷӯяккашӣ, деворбандии атрофи пал.

**ҲОШИЯБОФ** حاشیه باف чевари тӯрбоф, ки дар канораи гиребон ё остину домон *ва г.* нақшу нигори тӯршакл мебофад.

**ҲОШИЯБОФӢ** حاشیهبافی бофтани ҳошия, канора, зеҳ, лабакӣ.

**ҲОШИЯГУЗОР** حاشیه‌گذار касе, ки дар канора, атрофи чизе ҷойи холӣ мегузорад.

**ҲОШИЯГУЗОРӢ** حاشیه‌گذاری ҷойи холӣ гузоштан (*дар китоб, дафтар*).

**ҲОШИЯДОР** حاشیه‌دار ҳар чизе ки гирдо-гирдаш нақшу нигор дошта бошад, зеҳдор.

**ҲОШИЯДӮЗӢ** حاشیه دوزی дӯхтани ҳошия бар канори либос, матоъ ва монанди инҳо.

**ҲОШИЯКАШ** حاشیه کش *ниг.* **ҳошиябоф**.

**ҲОШИЯКАШӢ** حاشیه کشی *ниг.* **ҳошиябофӣ**.

**ҲОШИЯНАВИС** حاشیه نویس он ки дар шарҳу тафсири китоб ҳошия навиштааст.

**ҲОШИЯНИШИН** حاشیه نشین 1. он ки дар канори шаҳрҳо ва деҳаҳо зиндагӣ мекунад, он ки зиндагии фақирона дорад. 2. нишастагони гирди чизе ё каси воломақом.

**ҲОШИЯНИШИНӢ** حاشیه نشینی ҳошиянишин будан, дар атрофи шаҳрҳо ва деҳаҳои бузург зиндагӣ кардан.

**ҲОШИЯСОЗӢ** حاشیه سازی *ниг.* **ҳошиябандӣ**.

**ҲОШО** I *а.* حاشا 1. ҳаргиз, ҳеҷ вақт, ҳеҷ гоҳ, ҳеҷ. 2. албатта, ҳатман.

**ҲОШО** II *а.* حاشا *калимаи нидо* 1. Худо нигоҳ дорад, дур бод, пок бод. 2. ҳаргиз, абадан, ҳеҷ гоҳ.

**ҲОШОКАЛЛОҲ** حاشاکالله ҳатман, албатта (*бо исрори бисёр*).

**ҲОЮҲУ** هایو هو *ниг.* **ҳаёҳу**.

**ҲУ//ҲУВ** هو *калимаи ишорат* он, дар он, ба он, ана он: **ҳу ба он хона, ҳу дар он майдон, ҳу ба он дарахт**.

**ҲУБАРА** هبره *ниг.* **ҳуборӣ**.

**ҲУББ** *а.* حب меҳр, муҳаббат, дӯстӣ; **ҳубби ватан** меҳру муҳаббати ватан; **ҳубби нафс** иззати нафс.

**ҲУББУЛВАТАН** حب الوطن муҳаббат ба ватан, ватандӯстӣ.

**ҲУББУЛМАЛИК** حب‌الملک номи як навъ доруи исҳоловар.

**ҲУБОБ** *а.* حباب қуббачаҳои рӯи об, ки вақти ба ҷӯш омадани он, вақти борон ё собунро кафк кунондан пайдо мешавад; **ҳубоби об; ҳубоби кафки собун**.

**ҲУБОБОСО** حباب آسا монанди ҳубоб.

**ҲУБОРӢ//ҲУБОРО** هوباری//هوبارا *кит.* як навъ мурғи ёбоӣ ба бузургии мурғобӣ.

**ҲУБУБ** *а.* حبوب *ҷ.* **ҳаб(б)**.

**ҲУБУБОТ** *а.* حبوبات растаниҳои донагӣ.

**ҲУБУР** *а.* حبور 1. шодӣ, шодмонӣ. 2. доноён.

**ҲУБУТ** *а.* هبوط фуруд омадан, фурудоӣ; нишебӣ.

**ҲУВ** هو *нидо, ниг.* ҳу; **ҳув онҳоро дидӣ**?

**ҲУВАЙДО** هویدا равшан, зоҳир, ошкор, намоён, аён.

**ҲУВВАС//ҲУВВОС** هوّس//هوّاس *калимаи тасвирӣ*, ки тамом, холӣ шуда мондани ҷоеро ифода мекунад: **хона ҳуввас карда монд, аз беодамӣ ҳуввас мезад**.

**ҲУВИЯТ** *а.* هویت *кит.* моҳияти шахсе ё чизе, шахсият.

**ҲУВ-ҲУВ** هوهو *калимаи тақлиди* овоз.

**ҲУДА** هده ҳақ, рост, дуруст; фоида.

**ҲУДАЙЧӢ** هدیچی пешхизмати дарбори амирони Бухоро; сардори пешхизматон.

**ҲУДО** I *а.* حدی//حدا бо суруд рондани шутур; суруди уштуракиҳо; умуман суруд.

**ҲУДО** II *а.* هدا 1. ростӣ; роҳи рост. 2. ҳидоят, раҳнамунӣ.

**ҲУДУД** حدود *ҷ.* **ҳад**; 1. канорҳои чизе, интиҳои ҷое. 2. доираи сарзамине; **ҳудуди ҷумҳурӣ**. 3. сарҳад, марз. 4. ҳад, поён, охир, интиҳо; **ин кор ҳудуд надорад; ҳудуд гузоштан** ҳад гузоштан, ҷудо кардан; **ҳадду ҳудуд надоштан** интиҳо надоштан, калон ва беохир будан.

**ҲУДУДГУЗОР** حدودگذار касе, ки барои ҳар чизе ё коре ҳад ва меъёр муқаррар мекунад.

**ҲУДУДГУЗОРӢ** حدودگذاری ҳад, меъёр гузоштан.

**ҲУДУДӢ** حدودی *ниг.* **сарҳад(д)ӣ**.

**ҲУДУС** *а.* حدوث *кит.* пайдоиш, нав ба вуҷуд омадан, рӯй додан.

**ҲУДҲУД** *а.* هدهد як навъ парандаи тоҷдор,

шонасарак, пӯпишак.

**ҲУЖАБР//ҲУЗАБР** هژبر//هزبر 1. шери даранда. 2. *маҷ.* паҳлавон, далер.

**ҲУЖИР//ҲАЖИР** هژیر хуб, нек, нағз; дилкаш, хушу хуррам.

**ҲУЖИРӢ** هژیری 1. хушзеҳнӣ, хушфаҳмӣ, фаросат. 2. кору рафторҳои нек.

**ҲУЗ I** هوز овози тезу тунд монанди овози лаганду тоси филизӣ.

**ҲУЗ II** هوز *ҷ.* **аҳвоз**; ҳуз, номи мардуми сокини Хузистони Эрон.

**ҲУЗАРБ** هوزرب паҳлавон, боқувват. *ниг.* **ҳужабр**.

**ҲУЗВОРИШ** هزوارش 1. идеограмма, аломат ва нишонаҳо дар забони форсии қадим, ки ба як тарз навишта мешуд, вале ба тарзи дигар қироат мегашт. 2. баён кардан, шарҳ додан, тафсир намудан.

**ҲУЗЗОР** *а.* حضار *ҷ.* **ҳозир**; ҳозирон.

**ҲУЗН** حزن ғам, ғусса, андӯҳ, ғамгинӣ.

**ҲУЗНАНГЕЗ** حزن‌انگیز андӯҳовар, ғамангез: **манзараи ҳузнангез**.

**ҲУЗНОВАР** حزن‌آور андӯҳовар, ғамангез: **манзараи ҳузновар; оҳанги ҳузновар**.

**ҲУЗНОМЕЗ** حزن‌آمیز андӯҳгин, ғамгинона; **табассуми ҳузномез**.

**ҲУЗОК//ҲАЗОК** *а.* هزاک *кит.* аблаҳ ва нодон, касе, ки зуд фиреб мехӯрад.

**ҲУЗОЛ** *а.* هزال харобӣ, лоғарӣ.

**ҲУЗУР** *а.* حضور 1. ҳозир будан, ҳозир шудан (*дар назди касе*). 2. *бо пешванд ва изофа ба маънои* назд, пеш меояд: **аз ҳузури...** аз назди..., аз пеши...; **ба ҳузури**... ба назди..., ба пеши...; **дар ҳузури**... дар назди.., дар пеши...; **ҳузур доштан** ҳозир будан, иштирок доштан. 3. осудагӣ, фароғат, ҳаловат, осоиш, роҳат; **ҳузуру ҳаловат** роҳату фароғат; **ҳузур кардан** кайф кардан, ҳаловат бурдан.

**ҲУКАМО** *а.* حکما *ҷ.* **ҳаким**.

**ҲУККОМ** *а.* حکام *ҷ.* **ҳоким**.

**ҲУКМ** حکم 1. амр, фармон, фармоиш. 2. қарор, қарори маҳкама, органҳои судӣ *ва г.* 3. қоида, қонун, чизи ба сифати қоида ва қонун фармуда; **ҳукми шариат; ҳукм баровардан** а) фармон баровардан; б) қонуну қоида баровардан; в) ба як фикре омадан, баҳо додан; **ҳукм кардан** фармон баровардан, қарор додан; **ҳукм рондан** а) фармонфармоӣ кардан, ҳукумат кардан; б) барқарор будан, устувор будан; **ба ҳукми (***касе, чизе***) даромадан** а) ба ихтиёри чизе (касе) даромадан, тобеъ шудан; б) ба мисли ҳамон чиз шудан, шакл ё расми ҳамон чизро гирифтан.

**ҲУКМАНДОЗ** حکم انداز тирандози моҳире, ки ҳаргиз нишонаро хато накунад, устоди тирандозӣ.

**ҲУКМАНДОЗӢ** حکم اندازی иштибоҳ накардан, хато накардан дар тирандозӣ.

**ҲУКМБАРОРӢ** حکم‌برآری ҳукм баровардан, ҳукм кардан.

**ҲУКМДОР** حکم‌دار ҳоким, ҳукмрон, ҳукмфармо: **табақаи ҳукмдор**.

**ҲУКМКАШ** حکم‌کش мутеъ, фармонбардор; *муқоб.* **ҳукмрон**.

**ҲУКМКУНАНДА** حکم‌کننده он ки ҳукм мекунад.

**ҲУКМНОМА** حکم‌نامه қарори маҳкамаҳои судӣ.

**ҲУКМРАВО** حکم روا *ниг.* **ҳукмрон**.

**ҲУКМРАВОӢ** حکم روایی *ниг.* **ҳукмронӣ**.

**ҲУКМРОН** حکم‌ران 1. ҳоким, ҳукмфармо, фармонраво: **синфи ҳукмрон, табақаи ҳукмрон**. 2. ҷорӣ, ҳукмфармо: **ин қоида чанде ҳукмрон буд**.

**ҲУКМРОНӢ** حکم‌رانی ҳокимӣ, фармонфармоӣ, ҳукмфармоӣ; **ҳукмронӣ кардан** ҳукмфармо будан.

**ҲУКМФАРМО** حکم فرما 1. ҳоким, ҳукмрон, фармонфармо. 2. соҳиб, ғолиб, соҳиби вазъият ва шароит.

**ҲУКМФАРМОӢ** حکم‌فرمایی ҳокимӣ, ҳукмронӣ.

**ҲУКУМАТ** حکومت 1. ҳукмронӣ, фармонфармоӣ, ҳокимӣ; **ҳукумат кардан (рондан)**

ҳукмронӣ кардан. 2. мақоми олии иҷроия ва фармонбарорандаи ҳокимияти давлатӣ дар мамлакат. 3. идораҳое, ки ваколати идоракунии маъмурии маҳалҳоро доранд; **ҳукумати маҳаллӣ.**

**ҲУКУМАТДОР** حکومتدار *таър.* ҳукмрон, ҳукмфармон, соҳибҳукумат: **ҳукуматдорони Бухоро, ҳукуматдорони подшоҳӣ**.

**ҲУКУМАТДОРӢ** حکومتداری ҳукмронӣ, соҳиби ҳукумат будан; **ҳукуматдории амирон; ҳукуматдории подшоҳӣ; ҳукуматдории мутлақа.**

**ҲУКУМАТӢ** حکومتی *мансуб ба* **ҳукумат**; **ахбори ҳукуматӣ.**

**ҲУКУМАТПАРАСТ** حکومت پرست он ки ҳаваси зиёди ҳукмрон будан дорад, ҳукуматхоҳ.

**ҲУҚҚА** *а.* حقّه *кит.* 1. қуттича, сандуқча, қуттичаи ҷавоҳирот *ва г.*; **ҳуққаи дур(р); ҳуққаи лаъл.** 2. *маҷ.* даҳони маҳбуба. 3. қуттичаи найрангбоз; найранг, чашмбандӣ; **ҳуққа задан** найранг кардан, ҳилагарӣ кардан.

**ҲУҚҚАБОЗ** حقّه‌باز 1. найрангбоз. 2. фиребгар.

**ҲУҚҚАБОЗӢ** حقّه‌بازی 1. найрангбозӣ. 2. фиребгарӣ.

**ҲУҚНА** *а.* حقنه имола.

**ҲУҚУҚ** *а.* حقوق *ҷ.* **ҳақ**; маҷмӯи меъёр, рафтор ва муносибатҳои ҷамъиятию иҷтимоии одамон, ки аз тарафи давлат муайян гардида ва муҳофизат карда мешаванд: **ҳуқуқи шаҳрвандӣ, ҳуқуқи занон, баробарии ҳуқуқи марду зан, ҳуқуқи интихоботӣ; ҳуқуқ доштан** а) соҳибҳуқуқ будан; б) ҳақ доштан; **аз ҳуқуқ маҳрум кардан (шудан)** бинобар ҷинояте аз ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ маҳрум шудани касе ба ҳукми суд.

**ҲУҚУҚӢ** حقوقی *мансуб ба* **ҳуқуқ**; оид ба ҳуқуқ: **масъалаҳои ҳуқуқӣ**.

**ҲУҚУҚШИНОС** حقوقشناس мутахассиси соҳаи ҳуқуқ, ҳуқуқдон.

**ҲУҚУҚШИНОСӢ** حقوق شناسی маҷмӯи илмҳо оид ба ҳуқуқ.

**ҲУҚУҚДОР** حقوقدار соҳибҳуқуқ, он ки ба коре қонунан ҳақ дорад.

**ҲУҚУҚДОРӢ** حقوقداری ҳуқуқ доштан, соҳибҳуқуқ будан.

**ҲУЛБА** هلبه *ниг.* **ҳулбӯ(й)**.

**ҲУЛБӮ(Й)** هلبو(ی) пудина.

**ҲУЛҚУМ** *а.* حلقوم *ниг.* **ҳалқум**.

**ҲУЛЛА** *а.* حلّه *кит.* либос, курта.

**ҲУЛЛАБОФ** حلّه باف *кит.* ҷомабоф, либосбоф, бофанда.

**ҲУЛЛАПӮШ** حلّه پوش *кит.* пӯшандаи либоси нав.

**ҲУЛӮЛ** *а.* حلول *лаҳҷ.* гулхор, хуҷ.

**ҲУМО(Й)** هما(ی) мурғи афсонавие, ки рамзи давлату бахт аст; **мурғи Ҳумо** мурғи бахт.

**ҲУМОМ** *а.* همام *кит.* шахси бузурги қавм, бузургвор; далер, қаҳрамон.

**ҲУМООСО** هماآسا *кит.* монанди ҳумо, ба сони ҳумо.

**ҲУМОЮН** همایون *кит.* муборак, фархунда, хуш.

**ҲУМОЮНБАХТ** همایونبخت *кит.* хушбахт, некбахт.

**ҲУМОЮНГОН** همایونگان *кит.* пойтахт, шоҳнишин.

**ҲУМОЮНӢ** همایونی *кит. мансуб ба* **ҳумоюн**; муборакӣ, фархундагӣ; **зоти ҳумоюнӣ** зоти муборак (*нисбат ба каси олимартаба, асосан подшоҳон*).

**ҲУМОЮНФОЛ** همایون فال хушбахт, некбахт.

**ҲУМРО//ҲУМРА** حمری//حمره *кит.* сурх.

**ҲУМУМ** *а.* هموم *ҷ.* **ҳам II//ҳамм**.

**ҲУНАР** هنر 1. касб, пеша, шуғл. 2. иҷрои коре мувофиқи қонуну қоидаҳои он, санъат, маҳорат. 3. кордонӣ, истеъдод, лаёқат;

**ҳунар ба кор бурдан; аҳли ҳунар** ҳунармандон, пешоварон, косибон; **ҳунар омӯхтан** кор омӯхтан, касб ёд гирифтан (ёд додан); **даҳ (панҷааш) дасташ ҳунар; панҷ ангушташ ҳунар** моҳир дар ҳама корҳо; **ба як ҷавон чиҳил ҳунар кам аст** *(мақ.)*.

**ҲУНАРВАР** هنرور *ниг.* **ҳунарманд**.

**ҲУНАРВАРӢ** هنروری *ниг.* **ҳунармандӣ**.

**ҲУНАРГОҲ** هنرگاه *ниг.* **ҳунаристон**.

**ҲУНАРИСТОН** هنرستان мактаби ҳунаромӯзӣ.

**ҲУНАРӢ** هنری 1. *мансуб ба* **ҳунар**. 2. аҳли ҳунар, ҳунарманд: **дастаи ҳунарӣ**.

**ҲУНАРМАНД** هنرمند 1. косиб, пешавар. 2. боистеъдод, моҳир, санъаткор; **ҳунарманди моҳир**.

**ҲУНАРМАНДӢ** هنرمندی 1. косибӣ, пешаварӣ. 2. кордонӣ, маҳорат: **дар ин кор ҳунармандӣ нишон дод**.

**ҲУНАРМАНДОНА** هنرمندانه бо ҳунармандӣ, моҳирона.

**ҲУНАРНАМО** هنرنما ҳунарманд, пурҳунар; **дасти ҳунарнамо.**

**ҲУНАРНАМОӢ** هنرنمایی ҳунар нишон додан, санъату маҳорат нишон додан.

**ҲУНАРОЗМОӢ** هنرآزمایی ҳунар ба кор бурдан, қобилияти худро санҷида дидан.

**ҲУНАРОМӮЗ** هنرآموز 1. он ки ҳунар меомӯзад, касбомӯз, коромӯз, азхудкунандаи шуғле. 2. он ки ба дигарон ҳунар меомӯзад; **муаллимҳои ҳунаромӯз.**

**ҲУНАРОМӮЗӢ** هنرآموزی ҳунар омӯхтан, касбе ё кореро аз худ кардан.

**ҲУНАРПАРВАР** هنرپرور ҳунардӯст, он ки ба инкишофи ҳунару санъат таваҷҷӯҳи зиёд дорад.

**ҲУНАРПАРВАРӢ** هنرپروری ҳунардӯстӣ, барои инкишофи ҳунару санъат таваҷҷӯҳ кардан.

**ҲУНАРПЕША** هنرپیشه 1. ҳунарманд, косиб, пешавар. 2. санъаткор, аҳли санъат.

**ҲУНГАС//ҲУНГОС** هنگس//هنگاس овози гиряи баланд; **ҳунгас зада гиристан**.

**ҲУНГ-ҲУНГ** هنگ هنگ *калимаи тақлиди овоз*, ки овози гиряи пасиҳамро ифода мекунад: **ҳунг-ҳунг гиря кардан**.

**ҲУНУД** *а.* هنود *ҷ.* **ҳиндӣ**; сокинони мулки Ҳинд.

**ҲУНУТ** *а.* حنوط *ниг.* **ҳанут**.

**ҲУР//ҲУРР** I حر озод; *муқоб.* **ғулом**; асир; **мулки ҳур** *таър.* заминҳои аз андоз озод дар аморати Бухоро.

**ҲУР** II هور офтоб, хуршед.

**ҲУР** III حور зани бисёр хушрӯй, ки тибқи таълимоти дини ислом дар биҳишт маскун аст: **ҳурони биҳишт**.

**ҲУРЗОД** حورزاد *киноя аз* соҳибҷамол.

**ҲУРҚА(Т)** حرقه//حرقت *ниг.* **ҳирқа(т)**.

**ҲУРМ** هرم *лаҳҷ.* гавр, буғи гармии чизе.

**ҲУРМАТ** *а.* حرمت 1. азиз доштан, арҷмандӣ, иззат, эҳтиром. 2. обрӯ, эътибор; **ба ҳурмати** а) ба хотири; б) ба эҳтироми, ба иззату икром; **ба ҳурмати муаллим аз ҷо хестан**; **ҳурмат доштан** эҳтиром доштан; **ҳурмати касеро ба ҷо овардан** касеро иззату икром кардан; **ҳурмат кардан** эҳтиром кардан, азиз доштан.

**ҲУРМАТГУЗОРӢ** حرمت گذاری ҳурмат кардан, иззати касеро ба ҷо овардан.

**ҲУРМАТДОН** حرمت‌دان он ки ҳурмату эҳтироми касро ба ҷо меоварад.

**ҲУРМАТДОШТ** حرمت‌داشت *кит.* иззат, эҳтиром.

**ҲУРМАТКОРОНА** حرمت‌کارانه бо ҳурмат, эҳтиромона.

**ҲУРМАТНОК** حرمت‌ناک мӯҳтарам, шоёни ҳурмат.

**ҲУРРИЯТ** حرّیت озодӣ, соҳибихтиёрӣ.

**ҲУРРИЯТПАРВАР** حریّت‌پرور озодипарвар, озодихоҳ.

**ҲУРРИЯТТАЛАБ** حریّت طلب озодиталаб, озодихоҳ.

**ҲУРРИЯТЧӢ** حریّتچی *ниг.* **ҳурриятпарвар**.

**ҲУРРӢ** حرّی озодӣ, озод будан.

**ҲУРМУЗ(Д)** هرمزد 1. Аҳурамаздо (*Худои хайру некӣ дар дини Зардушт*). 2. ҳурмузд (*рӯзи аввали ҳар моҳи солшумории шамсӣ*). 3. *нуҷ.* Муштарӣ (сайёра).

**ҲУРНАЖОД** حورنژاد *ниг.* **ҳурзод**.

**ҲУРРО** هرا *кит.*, *нидо* урра; **ҳурро кашидан** нидои бардавоми “урра” задан.

**ҲУРПАЙКАР** حورپیکر зебо, зебопайкар; ҳурқомат.

**ҲУРСИРИШТ** حورسرشت ҳуртабиат; *маҷ.* бисёр зебо, хушрӯй.

**ҲУРТУМОН** هرتمان як навъи ҷав, ҷави русӣ.

**ҲУРУФ** حروف *ҷ.* **ҳарф**: **ҳуруфи арабӣ**.

**ҲУРУФИЯ** حروفیه *д.* номи яке аз равияҳои динӣ, ки дар қарни XVI асос ёфтааст.

**ҲУРУФЧИН** حروفچین касе ки дар матбаа ҳарфҳоро (*барои чоп кардан*) мечинад.

**ҲУРУФЧИНӢ** حروفچینی ҳуруф чидан, ҳарфҳоро чидан (*барои чоп*): **касби ҳуруфчинӣ**.

**ҲУРЧАШМ** حورچشم он ки чашмони зебо дорад, дорои чашмони шаҳло, сиёҳчашм шаҳлочашм

**ҲУСАЙНӢ** I حسینی номи яке аз оҳангҳо аз «Шашмақом».

**ҲУСАЙНӢ** II حسینی номи як навъ ангури нозуки сафеди дарозрӯя.

**ҲУСН** حسن 1. зебоӣ, хушрӯӣ, ҷамол; **ҳусни табиӣ** зебоии аслӣ. 2. хубӣ, имтиёз, бартарӣ, афзалӣ; **ҳусни таваҷҷӯҳ** майлу рағбат ва назару ақидаи нек нисбат ба касе ё чизе; **ҳусни хат** хубӣ ва зебоии хат.

**ҲУСОМ//ҲИСОМ** *а.* حسام шамшери тез, теғи бурро.

**ҲУСОТ** *а.* حصاة *тиб.* санги гурда ё шошадон, сангреза, ки дар масона аст.

**ҲУСУЛ** حصول 1. ҳосил кардан, ба даст даровардан. 2. расидан ба мақсад.

**ҲУТ** حوت 1. моҳӣ. 2. номи моҳи дувоздаҳуми солшумории шамсӣ (20 феврал- 22 март).

**ҲУТТӢ** *а.* حطی **:хо – и ҳуттӣ** номи ҳарфи 8-уми алифбои арабиасоси тоҷикӣ, ки дар ҳисоби ҷумалу абҷад адади 8-ро ифода мекунад, онро ҳои мӯҳмала ва ҳои ғайриманқута низ меноманд ва хоси калимаҳои арабӣ аст.

**ҲУФРА** *а.* حفره замини кофташуда, чуқурӣ.

**ҲУҶАЙРА** حجیره *биол.* одитарин воҳиди сохти бадани зинда, ки мавҷудияти аъзо ба вай вобаста аст: **ҳуҷайраи асаб, ҳуҷайраи мушак, ҳуҷайраи хун**.

**ҲУҶАЙРАВӢ** حجیروی *мансуб ба* **ҳуҷайра**; ҳуҷайрагӣ.

**ҲУҶАЙРАДОР** حجیره دار *биол.* дорои ҳуҷайра.

**ҲУҶАЙРАТУХМ** حجیره‌تخم *биол.* тухмҳуҷайра, ҳуҷайраи ҷинси модинаи ҳайвонот ва наботот.

**ҲУҶАЙРАШАКЛ** حجیره‌شکل *биол.* мисли ҳуҷайра, монанди ҳуҷайра.

**ҲУҶБ** *а.* حجب шарм, ҳаё, шармгинӣ.

**ҲУҶЛА** *а.* حجله *гуфт.* чодар, пардае, ки арӯсро паси он мешинонад.

**ҲУҶРА** *а.* حجره **1.**хоначаҳои хурди мадрасаҳо, ки талабаҳои мадраса мезистанд. 2. умуман хонаи хурд.

**ҲУҶРАДОР** حجره دار соҳибҳуҷра, дорои ҳуҷра.

**ҲУҶРАНИШИН** حجره‌نشین дар ҳуҷра истиқоматкунанда, сокини ҳуҷра.

**ҲУҶУМ** هجوم 1. ҳамла, таарруз. 2. пахш кардан, зер кардан; **ҳуҷуми асосӣ** *ҳарбӣ.* ҳуҷуми бисёр калон ва асосӣ бо ҳама

навъҳои силоҳи ҷангӣ; **ҳуҷум кардан** ҳамла овардан, тохт кардан; **ҳуҷум овардан** ҳамла овардан, тохт овардан.

**ҲУҶУМКУНАНДА** هجوم‌کننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **ҳуҷум кардан**. 2. ҳамлаовар, ҳамлакунанда, зарбазананда.

**ҲУҶУМОВАР** هجوم‌آور ҳуҷумкунанда, ҳамлаовар.

**ҲУҶҶАТ** حجّت 1. далел, бурҳон. 2. асос; *маҷ.* сарчашма, санад: **ҳуҷҷатҳои қадимӣ**. 3. навиштаҷот оид ба сифат, тасдиқи коре, тасдиқу тавсифи ҳоли касе ё чизе: **ҳуҷҷати бойгонӣ, ҳуҷҷати расмӣ, ҳуҷҷати шахсӣ, ҳуҷҷати технологӣ**.

**ҲУҶҶАТДОРӢ** حجت‌داری ҳуҷҷатдор будан, асоснок кардан.

**ҲУҶҶАТӢ** حجتی *мансуб ба* **ҳуҷҷат**; ба ҳуҷҷат таалуқдошта: **филми ҳуҷҷатӣ**.

**ҲУҶҶАТНИГОР** حجت‌نگار 1. он ки ба тартибу танзими ҳуҷҷату санадҳо дар идораҳо машғул аст. 2. ҳуҷҷаткунанда; **ҳуҷҷатнигори филм** он ки масъули далелу асноди филмҳо аст.

**ҲУҶҶАТНИГОРӢ** حجّت‌نگاری 1. навиштани аснод. 2. ҳуҷҷатнигор будан. 3. ҷараёни таҳияи санаду ҳуҷҷатҳо.

**ҲУҶҶАТНОКӢ** حجّت‌ناکی дорои ҳуҷҷат, санаду далелдошта.

**ҲУҶҶАТНОМА** حجّت نامه *ниг.* **ҳуҷҷат**.

**ҲУҶҶОҶ** *а.* حجاج *ҷ.* **хоҷ(ҷ)**.

**ҲУШ** هوش//هش 1. шуур, идрок, фаҳм, зиракӣ, дарёфт. 2. хотир. 3. ақл, фаросат. 4. фикр, ёд; **ҳуш аз сар паридан** бехуд шудан, карахт гаштан; **аз ҳуш рафтан** беҳуш шудан; **ба ҳуш омадан** ба худ омадан, ҳушёр шудан (*аз ҳолати беҳушӣ*).

**ҲУШДОР** هوشدار//هشدار огоҳӣ, таъкид; **ҳушдор додан** огоҳ кардан.

**ҲУШЕВОР//ҲАШИВОР** هشیوار хирадманд, оқил, ҳушёр.

**ҲУШЁР** هوشیار//هشیار 1. боҳуш, бофаросат, тезфаҳм: **бачаи ҳушёр**. 2. огоҳ, зирак, тезфаҳм. 3. ҳушнабохта; *муқоб.* **маст**. 4. бедор; *муқоб.* **хоб**; **ҳушёр будан** зирак будан, омодаи ҳар пешомад будан; **ҳушёр шудан** а) ба ҳуш омадан, ба худ омадан; б) зирак ва огоҳ гардидан.

**ҲУШЁРӢ** هوشیاری//هشیاری 1. дорои ҳуш будан, огоҳ будан ва бохабар будан, ба ҳар эҳтимол тайёр будан; **ба ҳушёрӣ даъват кардан**. 2. зиракӣ, оқилӣ, фурсатмандӣ, эҳтиёткорӣ: **ҳушёрии сиёсӣ**.

**ҲУШЁРОНА** هشیارانه//هوشیارانه 1. бо ҳушёрӣ, бо зиракӣ. 2. оқилона, мулоҳизакорона, огоҳона.

**ҲУШЁРХОНА** هوشیارخانه//هشیارخانه ҷое, ки мастонро то ҳушёр шуданашон нигоҳ медоранд.

**ҲУШМАНД** هوشمند//هشمند зирак, оқил.

**ҲУШМАНДӢ** هوشمندی//هشمندی зиракӣ, оқилӣ.

**ҲУШРАБО** هوش‌ربا//هش‌ربا рабояндаи ақлу ҳуш, мафтункунанда (*аз зебоӣ*); **манзараи ҳушрабо, ҳусни ҳушрабо**.

**ҲУШТ** هشت *ниг.* **ҳуштак**.

**ҲУШТАК** هشتک 1. садое, ки аз даҳон кашишнок ё канда-канда бароварда мешавад. 2. чизи хурдест найчадор, ки посбонон ё бачагон онро ба даҳон монда садо мебароранд: **ҳуштаки посбон, ҳуштаки бачагон, ҳуштаки милитсионер**.

**ҲУШТАКВОР** هشتکوار ҳуштакмонанд: **садои ҳуштаквор**.

**ҲУШТАККАШОН** هشتک‌کشان бо ҳуштаккашӣ; *маҷ.* озод ва бекор гаштан.

**ҲУШТАККАШӢ** هشتک‌کشی ҳуштак кашидан; ҳуштакзанӣ.

**ҲУШТАКСОЗ** هشتک‌ساز он ки ҳуштак месозад; **устои ҳуштаксоз**.

**ҲУШТУТБОЗӢ** هشتوت‌بازی як навъ бозии бачагона, руст-рустакон.

**ҲУШТ-ҲУШТ** هشت هشت садои паси ҳам паридани тир ва монанди ин: **ҳушт-ҳушти тир**.

**ҲӮ** هو *ниг.* **ҳу**, **ҳӯ ана вай**! **ҳӯ вайро бинед**!.

**ҲӮҚҚӢ** هوقّی *гуфт.* дағал, бадмуомила, бетарбия, беадаб.

**ҲӮП** هوپ *лаҳч.* ҷуфти гов ё аспу хар, ки онро болои хирмани ғалла гардонида ғалла мекӯбанд; **ҳӯп бастан** аспу гов ва дигар ҳайвони калони хонагиро бо ҳам оварда хирман кӯфтан.

**ҲӮППАК//ҲӮППОҚ** هوپّک//هوپّاق бо ангушт ба пушти дар, пиёла ё ба пешонӣ задан: **ҳӯппоқ задан.**

**ҲӮПРОНӢ** هوپرانی **:ҳӯп рондан** галагов кардани хирман, хирман кӯфтан.

**ҲӮР** هور 1. офтоб. 2. *маҷ.* бахт, толеъ.

**ҲӮРТ** هورت *калимаи тақлиди овоз*, ки садои як бор ба як дам дар кашидани моеотро ифода мекунад; **ҳӯрт-ҳӯрт дам кашидан, ҳӯрт-ҳӯрт карда ҳӯрдан**.

# Ч

**Ч** *ҳарфи бисту нуҳуми алифбои ҳозираи тоҷикӣ; дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ ҳарфи* чим (چ); *дар ҳисоби абҷад монанди* ҷим (ج) *ба адади 3 баробар аст.*

**ЧАББИН//ЧАППИН** چبّین//چپّین табақ ё сабаде, ки аз навдаҳои дарахти бед мебо-фанд; **чаббин ниҳодан** табақ гузоштан.

**ЧАБЕРА** چبیره фарзанди оила дар насли чорум, набераи набера.

**ЧАБИРА//ЧАПИРА** چبیره//چپیره *кит.* ҷамъ омадан ва издиҳоми мардум барои коре: **чабира шудан** ҷамъ шудан, омода ва ҳозир шудан, гирд омадан.

**ЧАВ//ЧОВ** چو//چاو *гуфт.* овоза, шоеа, хабари беасос; **чав андохтан** паҳн кардани хабар (-и беасос).

**ЧАВГОН** I چوگان 1. чӯбдастаи саркаҷ, ки бо он дар чавгонбозӣ гӯйро мезананд. 2. бозии чавгон, бозии гӯй ва чавгон, чавгонбозӣ. 3. *маҷ.* хамида, дуто, кӯж, мунҳанӣ. 4. чӯбе, ки бо он нақора, дуҳул мезананд, чӯбдасти дуҳулнавозӣ ва нақоразанӣ: **чавгони табл**. 5. ҳар гуна чӯбдастаи саркаҷ ва хамида; **аз зулф чавгон сохтан** сари зулфро печу тоб додан, сари зулфро хам кардан; **аз хами чавгон берун шудан** раҳо шудан, озодӣ ёфтан, халосӣ пайдо кардан; **ба чавгон афтодан** асиру гирифтор шудан; насиб ва баҳраи касе шудан; **ба чавгон андохтан** бо чавгон задан, тавассути чавгон партоб кардан; **ба чавгоне** *касе ё чизе* **гӯй будан** мутеъ ва фармонбардори касе ё чизе шудан, дар асирӣ ва сарпанҷаи қудрати касе будан; **ба чавгон гирифтан** а) гӯйро бо чавгон боздоштан; б) *маҷ.* ба даст овардан, боздоштан; **дар чавгони** *касе* **гаштан** дар итоату тасарруфи касе будан; **дар хами чавгон фикандан** ром кардан, ба фармон овардан, мутеъ кардан; **дар хами чавгони** *касе* (*чизе*) **будан (мондан)** ба фармони касе будан (шудан), мутеъ ва фармонбардори касе будан (шудан), асиру ромгаштаи касе будан (шудан); **гӯй дар чавгон фикандан** *касеро* касеро ба мурод расонидан, касеро ба муваффақият ноил кардан; **захм аз чавгони** *касе* **хӯрдан** аз касе осебу азият дидан, азобу машаққати касеро таҳаммул кардан; **қадди** *касеро* **чавгон кардан** *маҷ.* пир кардан касеро, қомати касеро дуто кардан; **чавгони (сари) зулф** ҳалқаи сари зулф, хамидагии сари зулф; **чавгони зар** а) чавгони тиллоӣ, чавгони заррин; б) *киноя аз* шамшеру теғ; **чавгони каҳрабоӣ** а) чавгони зардранг; б) *киноя аз* моҳтоб, моҳи ҳилол **чавгони мушкин** а) чавгони сиёҳранг; б) *киноя аз* зулфу гесӯи анбарин; **чавгони сунбул** *киноя аз* зулфу гесӯи маҳбуба; **захми чавгон** зарбаи чавгон; **чавгони симин** *киноя аз* моҳтоб, моҳи ҳилол; **фалаки чавгонӣ** фалаки бозигар, дунёи ҳиласоз, чархи каҷрафтор.

**ЧАВГОН** II چوگان **:чавгони бед** гули (шукуфаи) бед.

**ЧАВГОН** III چوگان номи яке аз оҳангҳои мусиқӣ.

**ЧАВГОНБОЗ** چوگانباز бозингари чавгон, касе, ки чавгонбозӣ мекунад; **фалаки чавгонбоз**; **сипеҳри чавгонбоз** *маҷ.* дунёи рангоранги чорагар, чархи каҷрафтору ҳилагар.

**ЧАВГОНБОЗӢ** چوگانبازی бозии чавгон; яке аз бозиҳои қадим аст, ки дар Эронзамин пайдо шуда, тадриҷан ба кишварҳои дигари Осиё ва Аврупо интишор ёфтааст ва ҳоло дар барномаи бозиҳои тобистонаи олимпӣ низ (бо номи хоккеи рӯи алаф) дохил аст.

**ЧАВГОНЗАН** چوگانزن воридкунандаи зарба бо чавгон; он ки бо чавгон зарба мезанад, чавгонбоз.

**ЧАВГОНӢ** چوگانی 1. *мансуб ба* **чавгон;** муносиб ва мувофиқ ба чавгон; **аспи чавгонӣ** аспе, ки барои чавгонбозӣ муносиб аст. 2. хамида, дуто, мунҳанӣ, хамгашта.

**ЧАВГОНМОНАНД** چوگانمانند монанд ба чавгон, чӯби мисли чавгон саркаҷ.

**ЧАВГОНПАРАСТ** چوگانپرست 1. касе, ки шавқу ҳаваси беандоза ба чавгон дорад. 2. *киноя аз* олам, дунё, чарх, сипеҳр аст, ки бозингариву нопойдорӣ сифати он бошад; **чархи чавгонпараст**.

**ЧАВКАНД//ЧАВКАНДӢ** چوکند//چوکندی *гуфт.* айвони ё шипанги баланди атрофаш кушодаи тобистона, ки бештар дар ҷойҳои васеъ сохта мешавад.

**ЧАВКАНДӢ** چوکندی *ниг.* чавканд.

**ЧАВКАР** چوکر *кит.* 1. ало, чипор, ранга (*ранги асп*). 2. ҳаррангалибос.

**ЧАВКӢ** *ҳ.* چوکی 1. *кҳн.* нигаҳбонӣ, посбонӣ, қаровулӣ. 2. *таър.* базми умумӣ, ки шабона дар ҷойҳои кушод ташкил карда мешуд.

**ЧАВЛИГӮШТАК** چولیگوشتک *бот.* хурфа, навъи растании хӯрданӣ ва ороишӣ.

**ЧАВЛӢ** *т.* چولی асбоби махсуси сӯрох-сӯрохи дастадор барои аз дег бардоштани тушбера, баракгирак, чӯлпӣ.

**ЧАВОТӢ** چواتی *ниг.* **чаппотӣ**.

**ЧАВПОРА** *ҳ.* چوپاره навъе аз бозӣ дар Ҳинд аз қабили нард бо мӯҳраҳои рангоранг.

**ЧАВТОРА** *ҳ.* چوتاره ду суфачаи яккасаи рӯ ба рӯ дар паҳлӯи дарвоза.

**ЧАГАС** چگس *ниг.* **чакас**.

**ЧАГОМА//ЧАКОМА** چگامه//چکامه шеър, қасидае, ки зиёда аз ҳабдаҳ байтро дар бар мегирад; чома, суруд.

**ЧАҒ//ЧУҒ** چغ як навъ чӯб, ки ба обнус монандӣ дорад.

**ЧАҒАЛ** چغل 1. чин, шикан. 2. зарфе ҷумакдор, ки онро аз чарми ошдодашудаи булғорӣ медӯхтанд ва мусофирону шикорчиён ҳамроҳ доштанд, матҳара.

**ЧАҒАТОӢ** چغتائی *мансуб ба* **чағатой**.

**ЧАҒАТОЙ** *т.* چغتای 1. номи қавме аз қавмҳои туркнажод. 2. номи яке аз писарони Чингизи муғул аст, ки дар Хуросон ва Мовароуннаҳр ҳукмронӣ кардааст.

**ЧАҒБУТ** چغبوت пашму пахтаи кӯҳнашудаи миёни кӯрпаву болишт *ва г.,* пахтакӯҳнаи обшуста ва обрасида.

**ЧАҒДЕГ** چغدیگ *лаҳҷ.* кӯзаи сафолини даҳанфарох, ки дар он аз ҷурғот равған мекашанд.

**ЧАҒЗ** I چغز *кит.* ҷароҳати даҳонбаста, ки ба дарунаш риму мадда ҷамъ мешавад.

**ЧАҒЗ** II چغز қурбоққа, ғук, вазағ.

**ЧАҒЗ** III چغز бутаи гиёҳест бағоят сафед ва шабеҳи ҷорӯб.

**ЧАҒЗАК** چغزک *лаҳҷ.* касалии гулӯ дар баъзе парандагон.

**ЧАҒИДАН** چغیدن *ниг.* **чахидан**.

**ЧАҒОЗ** چغاز полони шутур.

**ЧАҒОНА** چغانه 1. асбоби мусиқӣ, ки аз як чӯби дар сараш зангӯлачаҳо овехта иборат буд ва онро ҳаракат дода оҳанг нигоҳ медоштанд; умуман сози мусиқист дорои се тор ва бештар аз он. 2. номи парда ва оҳанги мусиқиест. 3. қасида, шеър, чакома, чағома.

**ЧАҒОНАЗАН** چغانه‌زن навозандаи чағона, мутриб, хунёгар; касе, ки дар навохтани чағона моҳир ва устод аст.

**ЧАҒОНИЁН** چغانیان 1. минтақае буд дар қисми ғарбии Мовароуннаҳр дар қарибиҳои Тирмиз, ки марказаш низ бо ҳамин ном ёд мешуд. 2. подшоҳони (амирони) Чағонӣ.

**ЧАҒОНИРӮД** چغانی‌رود *кҳн.* рӯде, ки аз минтақаи Чағониён мегузашт.

**ЧАҒОНӢ** چغانی 1. *мансуб ба* **Чағон ва аҳли Чағон**, ки шаҳре дар Мовароуннаҳр будааст (ҳудуди кунунии Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон). 2. *мансуб ба* подшоҳони сулолаи Чағониён.

**ЧАҒОР** چغار 1. овози созу мусиқӣ. 2. садои ҳаёҳу ва ғавғо дар ҷанг.

**ЧАҒОРА** چغاره 1. навъи гиёҳи хӯрданӣ, занбуруғ, қорч. 2. хумба, ҷой ва зарфи калони гилии ғалланигоҳдорӣ; анбори зеризаминӣ; **чағора кандан**.

**ЧАҒУ** چغو 1. навъе аз чуғз аст, ки парандаи наҳс ва номуборак маҳсуб мешавад; бум. 2. *шакли кӯтоҳшудаи* **чағук**.

**ЧАҒУК** چغوک *кит.* гунҷишк, чумчуқ.

**ЧАДИР** چدیر пойбанди асп, хар *ва г.,* ки бо он ду пои ҳайвонро мебанданд, то ки лагад назанад ё нагурезад.

**ЧАЙҚА** چیقه **:чайқа кардан** *гуфт.* чайқондан, обгардон кардан, шустан.

**ЧАЙҚОВБОЗОР** چیقاوبازار *гуфт.* бозоре, ки бо ибтикори фурӯшандагон ба вуҷуд омадааст ва дар он асосан амволи кӯҳнаву истифодашуда муомила мешавад; кӯҳнабозор, кӯҳнафурӯшӣ.

**ЧАЙҚОНДАН** چیقاندن *гуфт.* обгардон карда шустан: **пиёла чайқондан; дар ҷомашӯӣ либосро чайқондан**.

**ЧАЙЛА** چیله хоначаи аз шохҳои дарахт ва алафу хас сохташудаи сари кишт, полиз *ва г.,* коза.

**ЧАЙНВОРД** *англ.* چینوارد навъи бозӣ-чистон (*аз қабили* кроссворд).

**ЧАК I** چک 1. қатра. 2. садое, ки аз афтидани қатраи об ба вуҷуд ояд.

**ЧАК II** چک *гуфт.* 1. ҳисса, қисм; **чак кардан** тақсим кардан. 2. қуръа; **чак партофтан** қуръа партофтан.

**ЧАК III** چک *кҳн.* навиштаҳои ҳуҷҷатӣ, васиқа, санад: **хату чак карда гирифтан, хату чак карда додан, чак навиштан**.

**ЧАК IV** چک *кит.* олате, ки се ва ё зиёда шоха дошта, барои бод додани ғалла ва ҷудо кардани коҳ аз дона истифода мегардад.

**ЧАК V** چک буридани навдаҳои ангур ба мақсади боровар кардани дарахт, хомток.

**ЧАК//ЧИК VI** چک//چک аз чаҳор як тарафи буҷул аст, ки онро дар буҷулбозӣ «дузд» низ мегӯянд; *муқ.* **пук**.

**ЧАКАК I** چکک 1. *ниг.* **чакка** I. 2. ҷоғ, манаҳ; **чакак боз шудан** ҷоғ тафсидан, бисёр гап задан; **чакак тафсидан** сергапӣ кардан, лаққидан; **чакак шах шудан** ҷоғ беҳаракат шудан, гап зада натавонистан.

**ЧАКАК II** چکک номи наво, нағма ва оҳангест аз мусиқӣ.

**ЧАКАЛАК** چکلک ҷои анбӯҳи дарахтони бемева, хусусан сафедор; ҷое, ки дарахтони бемева бисёр бошад, чакалакзор.

**ЧАКАЛАКЗОР** چکلکزار *ниг.* **чакалак**.

**ЧАКАМУҒ** چکموغ *бот.* як навъи растанӣ, ки чинорак ва гули арӯсак низ меноманд.

**ЧАКАН** چکن навъе аз кашидадӯзӣ, ки бо абрешими ранга дар матоъ *ва г.* нақш медӯзанд.

**ЧАКАНА** چکنه 1. навъи савдо ва тиҷорати мол; савдои дона-дона, ба миқдори кам фурӯхтани молҳо; *муқоб.* **яклухт**; **савдои чакана**. 2. беруна, ғайрихудӣ; **одами чакана**. 3. майда, хурд, назарногир.

**ЧАКАНАФУРӮШ** چکنه‌فروش майдафурӯш, донафурӯш; *муқоб.* **яклухтфурӯш**.

**ЧАКАНАФУРӮШӢ** چکنه‌فروشی дона-дона фурӯхтани молҳо, майда карда фурӯхтани мол; *муқоб.* **яклухтфурӯшӣ**.

**ЧАКАС** چکس 1. чӯби пойдор, ки бар вай мурғони шикориро мешинонанд. 2. ҳар чизи хурду кӯчак. 3. вақти кам.

**ЧАКИДА I** چکیده қиёми афюн, ки аз шираи ғӯзаи кӯкнор тайёр мекунанд.

**ЧАКИДА II** چکیده 1. шираву шарбати ҳар чиз. 2. ҳар чизе, ки шираву шарбати он тавассути ҷӯшонидан ва ё тақтир (қатрачинӣ) гирифта шавад; **чакидаи коснӣ, чакидаи бед; чакидаи ҷигар** *киноя аз* хуни ҷигар; **чакидаи мижа** *киноя аз* ашк; **чакидаи хафқон** *киноя аз* нолаи дардомез. 3. мост,

чурғот ва панире, ки дар машк ё халта овехта, обашро ҷудо карда гирифтаанд, *ниг.* **чакка**.

**ЧАКИДА** III چکیده *кит.* гурз ва амуд.

**ЧАКИДА** IV چکیده қатра; *маҷ.* қатраи пурфайзи ҳар чизи хуб ва муборак: **чакидаи қалам**.

**ЧАКИДА** V چکیده *сифати феълии замони гузашта аз* **чакидан** II; макида; чашида, ҷӯшида.

**ЧАКИДАН I** چکیدن 1. қатра-қатра резон шудан, қатра-қатра рехтани об *ва г.* аз ҷое; **оби даҳон чакидан** сахт дар ҳаваси чизе шудан, чизеро бисёр ҳавас кардан. 2. *маҷ.* берун шудан, баромадан.

**ЧАКИДАН** II چکیدن макидан; ҷӯшидан, чашидан.

**ЧАКИДАХӮР** چکیده‌خور он ки чакида истеъмол мекунад, тарёкӣ, афюнӣ.

**ЧАКИДАХӮРӢ** چکیده‌خوری истеъмоли чакида, хӯрдани чакида.

**ЧАКИШ** چکش *исми амал аз* **чакидан**.

**ЧАК(К)А** I چکه ҷои устухони барҷаста, ки дар байни чашму гӯш ҷой гирифтааст; **даст ба чакка бурдан** ба тарзи низомиён салом додан ва изҳори итоат кардан.

**ЧАК(К)А** II چکه ҷурғоти зардобаш заҳида ғафсшуда.

**ЧАК(К)А** III چکه чакра, қатра, андаке аз чизе.

**ЧАК(К)А** IV چکه *гуфт.* канор, гӯшаи чизе; **рафта дар як чакка истод**.

**ЧАК(К)АК** چکک **:чаккак задан** дар талвоса шудан, тапидан.

**ЧАК(К)АХАЛТА** چکه‌خلته халтае, ки дар он ҷурғотро андохта, зардобашро заҳонда чакка мекунанд.

**ЧАК(К)Ӣ** چکی *гуфт.* 1. беҳуда, беҷо; **гапҳои чаккӣ**. 2. андак-мундак, назарногир; **чаккӣ не** ҳазл не, аноӣ не.

**ЧАККУШ** چکّش *ниг.* **чакуш**.

**ЧАКМА** *т.* چکمه *кит.* мӯза.

**ЧАКМАН** چکمن ҷомаи рӯйпӯше, ки аз матои пашмин дӯхта мешавад; **чакмани босма** либоси болоие, ки аз моҳут бофта мешавад; **чакмани мовут; чакмани пиёзӣ; чакмани қоқма**.

**ЧАКМЕЗАК** چکمیزک беморие, ки гирифтори он пешоби худро нигоҳ дошта наметавонад.

**ЧАКОВАК** چکاوک парандаи хурди хушовоз, ки тоҷ дорад, сӯфитӯрғай.

**ЧАКОД** چکاد *ниг.* **чакода**.

**ЧАКОДА** چکاده 1. болои сар; фарқи сар; болои пешонӣ. 2. сари кӯҳ, қуллаи кӯҳ.

**ЧАКОМА** چکامه *ниг.* **чагома**.

**ЧАКОМАГӮ(Й)** چکامه‌گو(ی) *ниг.* **чакомасаро(й)**.

**ЧАКОМАГӮӢ** چکامه‌گویی *ниг.* **чакомасароӣ**.

**ЧАКОМАСАРО(Й)** چکامه‌سرا(ی) сарояндаи чакома, эҷодгари чакома, қасидасаро.

**ЧАКОМАСАРОӢ** چکامه‌سرائی шоирӣ, қасидасароӣ, эҷоди чакома; сурудани чакома.

**ЧАКОН(И)ДАН** چکاندن//چکانیدن 1. шакли гузаранда ва бавоситаи феъли чакидан. 2. чакра-чакра резондан, қатра-қатра рехтани моеъ. 3. *маҷ.* расондан, як ба як хабар додан; ба гӯши касе гап чакондан.

**ЧАКОЧАК//ЧАКОЧОК** چکاچک//چکاچاک садои пайдарпай ба ҳам бархӯрдани шамшер ва мисли ин силоҳҳои дигари ҷангӣ.

**ЧАКРА** چکره қатраи чизҳои моеъ, рашҳа **чакраи арақ, чакраи борон, чакраи об, чакраи мум; чакра-чакра** қатра-қатра.

**ЧАКРАРЕЗ** چکره‌ریز *тиб.* абзори хурде, ки ба воситаи он доруҳои обакиро қатра-қатра мечаконанд.

**ЧАКРАШУМОР** چکره‌شمار *ниг.* **чакрарез**.

**ЧАКУК** چکوک *шакли кӯтоҳшудаи* **чаковак**.

**ЧАК(К)УШ** چکش асбоби дастиест, ки оҳангарон, заргарон, мисгарон ва дигар косибон истифода мебаранд; болға, путк, митрақа.

**ЧАКУШЗАН** چکش‌زن болғазан, он ки бо болға кор мекунад.

**ЧАКУШКОРӢ** چکش‌کاری кӯбидан ва соф кардани зар, нуқра, мис, оҳан *ва г.*; кӯби-

дани филизи тобдида бо мақсади поксозӣ ва шакл додан.

**ЧАКУШПАЗИР** چکش‌پذیر хосияти кӯбишпазирии филиз; чакушхӯр, кӯфташаванда.

**ЧАКУШПАЗИРӢ** چکش‌پذیری кӯбишпазир будани филиз; чакушхӯрӣ, кӯфташаванда будани филиз.

**ЧАКУШХӮР** چکش‌خور *ниг.* **чакушпазир**.

**ЧАКУШХӮРӢ** چکش‌خوری *ниг.* **чакушпазирӣ**.

**ЧАКЧАК** چکچک 1. буттаи канабдона. 2. *хӯр.* шириние, ки бо чакондани хамираи орду тухм ба равғани доғ тайёр карда мешавад.

**ЧАК–ЧАК** چک‌چک *калимаи тақлиди овози* боридани борон, чакидани об ва дигар моеъ.

**ЧАК(К)А** چقه *гуфт.* шилқинӣ, кашолшавӣ; **чаққа шудан** шилқинӣ кардан, аз дунболи касе афтода ӯро безор кардан, чақидан.

**ЧАҚАЛДОҚ** *т.* چقلداق 1. *кҳн.* асбоби дастадори овоздиҳандае, ки посбонон дар шаб онро ҳаракат дода мегаштанд. 2. *гуфт.* навъи бозичаи бачагона.

**ЧАҚАЛОҚ** *т.* چقلاق *лаҳҷ.* тифли навзод.

**ЧАҚАЛОҚБИНӢ** چقلاقبینی *лаҳҷ.* барои дидани тифли навзод ба меҳмонӣ рафтан.

**ЧАҚАР** چقر *кит.* шаробхона, майхона, майкада.

**ЧАҚАРСАНГ** چقرسنگ *лаҳҷ.* санги сахти сафеди зардрах; *ниг.* **чақир**.

**ЧАҚАР-ЧУҚУР** چقرچقر *гуфт.* ноҳамвор, нобаробар (*сифати роҳ*).

**ЧАҚИДАН//ЧАҚҚИДАН** چقیدن *гуфт.* ба касе пайваста расидан, касеро гаранг кардан, безор кардан, чаққа шудан.

**ЧАҚИЛДОҚ** *т.* چقلداق 1. *ниг.* **чақалдоқ**. 2. чӯбаки санги осиё, ки ба поёни дӯл баста мешавад, то ки бо пайваста ҷунбидани худ якранг рехтани ғалларо нигоҳ дорад.

**ЧАҚИР** چقیر чашмсафед (*асп*); **санги чақир** санги сахти сафеди зардрах, чақирсанг.

**ЧАҚҚОН** چقّان *гуфт.* 1. чуст, чолок, сабук, чобук, зудкор. 2. тез, босуръат, бошаст. 3. чолокона, чобукона; **чаққон шудан** а) омода шудан, тайёр шудан (*ба иҷрои коре, амале*); б) суръат гирифтан, чусту чолок гаштан. 4. *маҷ.* гарм, боавҷ, зудрав. 5. *маҷ.* шинам, муносиб, мувофиқ, базеб (*либос*); **чаққон-чаққон** *гуфт.* тез-тез, чобукона, чолокона.

**ЧАҚҚОНӢ** چقّانی *гуфт.* чобукӣ, чолокӣ, зудкорӣ; **ба чаққонӣ** чолокона, чобукона, ба тезӣ, зуд.

**ЧАҚМОҚ** چقماق 1. санги сахте, ки онро ба ҳам ё ба оҳан зада, оташ мебароранд. 2. *маҷ.* оташаки барқ, чароғак, оташак. 3. бо корд каме буридани харбуза ё тарбуз барои фаҳмидани сифати он. 4. як қисми милтиқ, ки тирро дармегиронад. 5. *кит.* асо, чӯбдаста.

**ЧАҚМОҚАК** I چقماقک оташак, чароғак, барқ.

**ЧАҚМОҚАК** II چقماقک ҳашароти зарарноки меваи дарахт (*мас., зардолу*).

**ЧАҚМОҚДОР** چقماقدار 1. он ки чақмоқ мезанад, касе, ки чақмоқ дорад. 2. дорои чақмоқ; **милтиқи чақмоқдор** силоҳе, ки бо чақмоқ фаъол мешавад.

**ЧАҚМОҚЗАНӢ** چقماق‌زنی 1. задани санги чақмоқ бо мақсади оташ гирондан. 2. паридани оташаки барқ дар ҳаво.

**ЧАҚМОҚӢ** چقماقی *мансуб ба* **чақмоқ**; гиронандаи оташ ба воситаи чақмоқ.

**ЧАҚРИМ** چقریم воҳиди ченаки масофа, ки аз як километр андак зиёдтар аст, фарсах, фарсанг.

**ЧАҚЧАҚ** چقچق *ниг.* **чакчак 2.**

**ЧАҚ-ЧАҚ** چق‌چق *гуфт.* сӯҳбат ва гуфтугӯи ду ё якчанд кас; **чақчақ кардан** сӯҳбати хуш кардан, хушҳолона гуфтугӯ кардан.

**ЧАҚЧАҚӢ** چقچقی *гуфт.* хушсӯҳбат, сӯҳбатдӯст: **одами чақчақӣ**.

**ЧАЛА** I *т.* چله *гуфт.* нотамом, ба анҷом нарасида, нимкора; **чала мондан** нотамом мондан.

**ЧАЛА** II چله *гуфт.* нимсӯхта, чаласӯхта (*доир ба ҳезум*).

**ЧАЛА** III چله *гуфт., ниг.* **ангуштарин**.

**ЧАЛА** IV چله *кҳн.* яҳудии исломро қабул-

карда.

**ЧАЛАБ//ЧАЛАП** چلب//چلپ 1. *мус.* як навъ олати мусиқӣ, ду порчаи биринҷии тунуки паҳн монанди паллаи тарозу, ки дар бозигоҳҳо ва наҳорахонаҳо ба ҳам зада садо мебароранд, санҷ, синҷ. 2. *кит.* шӯру ғавғо, ошӯбу фитна; ҳаёҳуй, ҷанҷол, шағаб.

**ЧАЛАБАНДАК** چله‌بندک оҳани тасмашакли мудаввар, ки бо мақсади мустаҳкам кардан ба даври бочкаҳои чӯбӣ мегузаронанд.

**ЧАЛАВ** چلو 1. оши софӣ, палави эронӣ. 2. кабоби махсус, ки бо палави софӣ мехӯранд.

**ЧАЛАВИДАН** چلویدن як тарзи бо даст таом хӯрдан.

**ЧАЛАВКАБОБ** چلوکباب ғизое, ки он аз биринҷи дар об пухташуда ва гӯшти қима ё пораи гӯшти бирён таркиб ёфтааст.

**ЧАЛАВМАСТӢ** چلومستی ҳаловат бурдан аз тановули чалав, кайфбари аз хӯрдани чалав.

**ЧАЛАВПАЗХОНА** چلوپزخانه ҷое, ки дар он ҷо чалав пазанд ва фурӯшанд.

**ЧАЛАВХӮРИШ** چلوخورش навъи хӯроке, ки аз бириинҷи дар об пухта ва хӯриш бо гӯшт ё сабзавот иборат аст.

**ЧАЛАК** چلک 1. зарфи калони тунукагӣ ё оҳанӣ, барои нигоҳ доштани чизҳои моеъ; бочка. 2. *лаҳҷ.* сатил.

**ЧАЛАКОР** چله‌کار *гуфт.* он ки кори сар кардаашро ба анҷом намерасонад, одами кораш нотамом ва хом, нимкора.

**ЧАЛАКОРӢ** چله‌کاری хомкорӣ; *муқоб.* **пухтакорӣ**.

**ЧАЛАКСОЗ** چلکساز он ки чалак месозад, созандаи зарфҳо барои нигоҳ доштани чизҳои обакӣ.

**ЧАЛАКСОЗӢ** چلکسازی *исми амал аз* **чалак сохтан**; машғулияти сохтани чалак, касбу кори чалаксоз.

**ЧАЛАМУЛЛО** چله‌ملا муллои чаласавод, муллои саводаш нопурра, муллое, ки саводи кофии динӣ надорад.

**ЧАЛА-ПАЛА** چله‌پله нимкора, нотамом, ниму нимкора, чала-чулпа.

**ЧАЛАППАС//ЧАЛАППОС** چلپّس//چلپّاس *калимаи тақлидӣ* овоз, ки ҳангоми ба чизҳои обакӣ бархӯрдани чизи дигар ҳосил мешавад: **чалаппас задан.**

**ЧАЛАП-ЧАЛАП** چلپ‌چلپ 1. *ниг.* **чалаппас**. 2. садое, ки ҳангоми роҳ рафтан ё давидан дар замини обнок ҳосил мешавад

**ЧАЛАСАВОД** چله‌سواد шахси саводаш нопурра, саводаш нима, камсавод.

**ЧАЛАСАВОДӢ** چله‌سوادی камсавод будан, саводи нопурра доштан.

**ЧАЛАУСТО** چله‌استا устои камҳунар, устои кораш нотамом ва нуқсдор.

**ЧАЛБАК** چلبک *гуфт.* нони тунуке, ки дар арафаву айёми идҳои мусулмонӣ ҳамчун хайру садақа ба хотири омӯрзиши гузаштагон мепазанд; *ниг.* **чалпак**.

**ЧАЛВОР** چلوار *кҳн.* 1. нимтанаи аз матои ғафс ё чарм дӯхташуда, ки бештар аз рӯи либоси дигар пӯшида мешуд. 2. матои пахтагини сафеди оҳордоре, ки аз он пироҳан, зерҷома ва дигар либосҳо медӯзанд; матои салла.

**ЧАЛВОРБОФӢ** چلواربافی 1. дастгоҳ ва коргоҳе, ки дар он ҷо чалвор мебофанд; коргоҳи чалворбофӣ. 2. машғулияти вобаста бо бофтани чалвор, амал ва шуғли чалворбоф.

**ЧАЛВОРӢ** چلواری матои пахтагини сафеди нозук, ки барои дӯхтани пираҳан, либоси зер, рӯиҷову рӯболиш *ва г.* истифода мегардад.

**ЧАЛҒӮЗА** چلغوزه 1. навъи дарахт, ки ба санавбар (қарағай) монанд аст. 2. меваи ғӯзамонанди баъзе дарахтон (*аз қабили* булут, арча *ва г.*).

**ЧАЛИДАН I** چلیدن ба кор рафтан, дар гардиш будан (*мас., пул*); **чалидани кори** *касе* пеш рафтани кори касе, равнақ ёфтани кори касе.

**ЧАЛИДАН II** چلیدن равон шудан, рафтан.

**ЧАЛИДАН III** چلیدن сазовор будан, арзидан, шоиста будан.

**ЧАЛИПО** چلیپا *д.* салиб; салиби насоро, ки

мувофиқи таълимоти дини насронӣ Исои Масеҳро ба дори чоргӯшае монанд ба он кашида буданд.

**ЧАЛИШ** چلش 1. гиреҳ, тугун: **чалиш афтодан ба ресмон**. 2. *маҷ.* нобарорӣ, барор накардани кор. 3. *ниг.* **дурага**.

**ЧАЛКАШ** چلکش *гуфт.* дарҳам-барҳам, бесару нӯг, омехта.

**ЧАЛЛА** چلّه *ниг.* **чилла**.

**ЧАЛМА** چلمه **:нони чалма** *лаҳҷ.* ноне, ки дар он каду, пиёз ё қаланфур андохта пухта шудааст.

**ЧАЛМАҚ** چلمق *т. гуфт.* 1. кори дарҳаму барҳам, бесарунӯг, бетартиб. 2. хат ё нақши норавшани дарҳаму барҳам.

**ЧАЛМАФАТИР** چلمه‌فتیر *ниг.* **чалма**.

**ЧАЛОБ** چلاب *ниг.* **чолоб**.

**ЧАЛ(Л)ОНДАН** چلاندن дар муомила (савдо) ба кор бурдан пулро; бо хариду фурӯш пулро зиёд кардан.

**ЧАЛОЧУЛ(Ӣ)** چلاچول//چلاچولی *гуфт.* ғалоғула, мағал, фиғон, доду фарёд.

**ЧАЛПАК** چلپک нонест, ки аз хамири тунук рост карда дар равған пазанд; *ниг.* **чалбак**; **чалпак кардан (сохтан**) *маҷ.* пахшу пачақ кардан; **чалпак шудан** *маҷ.* пахшу пачақ шудан.

**ЧАЛПАКПАЗ** چلپکپز пазандаи чалпак, он ки чалпак мепазад.

**ЧАЛПАКПАЗӢ** چلپکپزی пухтани чалпак, чалпак пухтан, кор ва амали чалпакпаз.

**ЧАЛПАКХӮР** چلپکخور он ки чалпак мехӯрад, хӯрандаи чалпак.

**ЧАЛПАС** چلپس ноӯҳдабаро, ноқобил, чалфас.

**ЧАЛПОНГӮШ** چلپانگوش *гуфт.* калонгӯш, лапаргӯш.

**ЧАЛПОС** چلپاس садои сахт бӯсидан ё лесидани чизе.

**ЧАЛУЧ** چلوچ асбоби нӯктезу дастадоре аст, ки осиёбонон санги осиёро бо он тез кунанд.

**ЧАЛФАС** چلفس *ниг.* **чалпас**.

**ЧАЛ-ЧАЛ** چل چل *гуфт.* мағал, ғулоғула, доду фарёд; **чал-чал кардан** мағал кардан, фарёду фиғон бардоштан.

**ЧАЛП–ЧАЛП** چلپ‌چلپ садое, ки ҳангоми хӯрдани таом, бӯсидани касе ё чизе ба миён меояд; **чалп-чалп хӯрдан** ҳангоми хӯрдан садои нохушоянд баровардан.

**ЧАЛЧИҚ** چلچیق *гуфт.* оби тираи лойолуди дар ягон ҷо ҷамъшуда, толоб.

**ЧАМ** I چم хиром ва рафтори баноз; ҳаракати бо нозу адо; бо нозу карашма ва такаббур роҳ рафтан; *ниг.* **чамидан** I.

**ЧАМ** II چم *кит.* 1. назму тартиб дар кор; ба сомон даровардани корҳо; **ба чам будани (гаштани) кор** муназзаму ороста ва ба сомон будани (гаштани) кор. 2. равнақ, барор. 3. рафтор; саъй, кӯшиш; **чаму хам** а) хаму печи ҳар коре, ки эҳтиёҷ ба дарёфтан дорад; б) изҳори адаб бо забон ва ишорати лабу рӯй.

**ЧАМ** III چم *кит.* 1. маънӣ ва мазмун дар сухан, нутқ ё калима; ифода ва ҷанбаи маънавии вожа; *муқ.* **лафз**. 2. тамиз, маънӣ, шарму ҳаё.

**ЧАМ** IV چم 1. саҳву хато; ҷурм, гуноҳ, базаҳ. 2. ҷои сусту заифи касе; раги хоби касе; он чи ки бо донистану ба даст овардани он тасаллут ва нуфуз бар касе пайдо кардан мумкин аст; **чами** *касеро* **ба даст овардан** *киноя аз* раги хоби касеро донистан, ҷиҳати сусти касеро ошкор сохтан ва истифода намудан.

**ЧАМ** V چم каҷӣ, инҳироф; каҷроҳа, хамгашт; печу хами роҳ.

**ЧАМ** VI چم сина, садр; сари сина, пеши бар.

**ЧАМ** VII چم 1. обгардони бузурги чӯбин; кафлес; асбоби чӯбин барои аз зарф гирифтани об, ки хурди онро чамча // чумча мегӯянд. 2. табақи паҳне, ки аз най ё навда мебофиданд ва бо он ғалларо аз хасу хошок ва регу хок тоза мекарданд.

**ЧАМ** VIII چم *мухаффаф ва кӯтоҳшудаи* **чашм**.

**ЧАМАН** I چمن 1. замини сабзу хуррам, марғзор, боғу бӯстон. 2. гулзори шукуфон. 3. хиёбоне, ки ҳар тарафи он дарахтон шинонда шуда бошад; қисме дар боғ ё бӯстон, ки замини онро ҷо-ҷо сабзаву гул

кошта бошанд ва ду тараф дарахтони сабз ё мевадор шинонда бошанд. 4. номи сабза ва гиёҳест, ки дар қитъаҳои замини хиёбону майдонҳо ва боғҳои шаҳр мекоранд, то бардавомиву хуррамии сабзазорро бештар кунад; **чаман-чаман** ифодаи фаровонии гулҳои шукуфта.

**ЧАМАН** II چمن аспи хушрафтору роҳвора.

**ЧАМАНАНДУД** چمن اندود чаманзор, чаманхез, чаманпӯш.

**ЧАМАНАФРӮЗ** چمن افروز 1. равшанкунандаи боғу бӯстон. 2. *киноя аз* гулҳои сурхранг, ки дар боғу чаман кошта шудаанду рустаанд. 3. *бот.* гули тоҷи хурӯс.

**ЧАМАНБУР** چمنبر 1. чаманперо(й), чаманзан. 2. асбоб барои буридани чаман ва кӯтоҳ кардани сабзаву сабзбуттаҳо.

**ЧАМАНГАРД** چمنگرد касе, ки дар боғу чаман сайру гардиш мекунад.

**ЧАМАНГАРДӢ** چمنگردی гаштугузор кардан дар боғу чаман; чамансайр.

**ЧАМАНГОҲ** چمنگاه *ниг.* **чаманзор**.

**ЧАМАНГУМКАРДА** چمنگمکرده дурмонда аз чаман; маҳрумгашта аз боғу чаман; *маҷ.* ғариб, мусофир, дар ҳиҷрат қарордошта.

**ЧАМАНД** چمند *кит.* 1. аспи коҳили пурхӯру кундрафтор. 2. одами танбалу ҳеҷкора ва беҳосил.

**ЧАМАНДА** چمنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **чамидан**; хироманда, касе ё чизе, ки хиромон роҳ меравад. 2. сифати асп ва дигар савориҳои хушрафтор.

**ЧАМАНДОРӢ** چمنداری нигоҳубини чаман ва сабзазор.

**ЧАМАНЗАН** چمنزن 1. буранда ва перояндаи чаман; чаманперой. 2. асбоб барои перостан ва кӯтоҳ кардани чаман; қайчии чаманзанӣ, миқрози чаманбурӣ. 3. мошини чаманзанӣ, ки сабзаи чаман ва варзишгоҳҳоро кӯтоҳ мекунад.

**ЧАМАНЗАНӢ** چمنزنی буридани зиёдатиҳои чамани боғ; амали боғбон дар перостани чаман.

**ЧАМАНЗОР** چمنزار 1. маҳалли чаманҳои бисёр, чаманистон, боғу бӯстон, гулзор. 2. *киноя аз* рухсори маъшуқа.

**ЧАМАНИСТОН** چمنستان *ниг.* **чаманзор**.

**ЧАМАНӢ** چمنی 1. *мансуб ба* **чаман**. 2. сабзранг, ранге ба монанди ранги сабзаи чаман; **сабзи чаманӣ** ранги сабзи шабеҳ ба чаман.

**ЧАМАНКОРӢ** چمنکاری машғул будан бо парвариши сабзаву ороиши чаману бӯстон.

**ЧАМАНОРО(Й)** چمنآرا(ی) 1. боғбон. 2. ороишгар ва зинатдиҳандаи чаман, он ки гулҳо ва дарахтони боғу гулистонро ороиш ва пероста кунад, боғбон. 3. *маҷ.* Худованд, Офаридгор. 4. сифати маҳбуба.

**ЧАМАНОРОЙӢ** چمنآرائی боғбонӣ ва амали боғбон; оростан ва перостани дарахтон ва гулҳои боғу бӯстон; зинатдиҳии чаман, чаманперой.

**ЧАМАНОСУДА** چمن آسوده озод, эмин аз қайди дому қафас; *киноя аз* мурғони озод дар муқобили мурғони гирифтори дому қафас.

**ЧАМАНПАРДОЗ** چمنپرداز чаманоро, ороишдиҳандаи чаман.

**ЧАМАНПАРДОЗӢ** چمنپردازی чаманорой, зинат додани чаман.

**ЧАМАНПЕРО(Й)** چمنپیرا(ی) 1. он ки мутасаддии ороиши боғу чаман аст, боғбон, гулбон. 2. асбоб барои буридану баробар кардани сабзаҳои чаманзор; чаманбур.

**ЧАМАНПӮШ** چمنپوش чаманзор, чаманхез; ҷое, ки бо сабзаву гулу гиёҳ пӯшида аст.

**ЧАМАНРАМИДА** چمنرمیده фироркарда аз боғу бӯстон; маҳрумгашта аз бӯстон; *муқоб.* **чаманосуда.**

**ЧАМАНСАРОЙ** چمنسرای дар чаман сароянда, илҳом ва навокунанда.

**ЧАМАНСИМО** چمنسیما 1. *кит., киноя аз* **маҳбуб**. 2. *маҷ.* зебо, хушрӯй.

**ЧАМАНСОЗ** چمنساز боғбон, чаманорой, чамантироз.

**ЧАМАНТАБЪ** چمنطبع *кит.* он ки табъи хушу латиф дорад, хуштабъ, хушсалиқа.

**ЧАМАНТИРОЗ** چمن طراز 1. чамансоз, чаманорой, чаманперой, зинатдиҳанда ва орояндаи чаман. 2. он чи боғу чаманро биорояд ва зебу зинат диҳад.

**ЧАМАНТИРОЗӢ** چمن‌طرازی оростан ва зинат додани чаман; чамансозӣ, чаманоройӣ.

**ЧАМАНФУРӮЗ** چمن‌فروز *ниг.* **чаманафрӯз**.

**ЧАМАНХЕЗ** چمن‌خیز 1. замин ё ҷое, ки қудрати рӯёнидани сабзаву гулу гиёҳ дорад. 2. чаманзор, ҷое, ки дар он сабзаву гул фаровон аст.

**ЧАМАНЧЕҲР** چمنچهر он ки чеҳраи мисли боғ шукуфтаву пуртароват дорад, зеборух.

**ЧАМБАР** چمبر *ниг.* **чанбар**.

**ЧАМБАРПЕЧ** چمبرپیچ *гуфт., ниг.* **чанбарпеч**.

**ЧАМБАРШОХ** چمبرشاخ *ниг.* **чанбаршох**.

**ЧАМИДАН** I چمیدن 1. хиромидан, бо ноз роҳ гаштан, хиромон роҳ рафтан; мағрурона ва нарм-нарм қадам гузоштан; рафтан ва сайру тамошо кардан; **андар чамидан** а) гузаштан, сипарӣ шудан; б) тохт овардан, ҳуҷум кардан. 2. дар роҳгардӣ печу хам хӯрдан.

**ЧАМИДАН** II چمیدن қад кашидан, болидан; ҷилвагарӣ кардан.

**ЧАМИДАН** III چمیدن *кҳн.* ҷавлон задан дар майдон ва рақиб хостан; талаби разм кардан.

**ЧАМИДАН** IV چمیدن печу тоб хӯрдан, даромехтан, оғушта гардидан.

**ЧАМОН** I چمان хиромон, равон бо нозу хиром ва зебоӣ.

**ЧАМОН** II چمان 1. пиёлаи шароб; *ниг.* **чамона**. 2. чаман, марғзор, сабзазор, боғу бӯстон.

**ЧАМОНА** چمانه *кит.* 1. кадуе, ки дар он шароб нигаҳ медоштанд. 2. нимкадуи мунаққаше, ки бо он шароб мехӯрданд.

**ЧАМОН(И)ДАН** چماندن//چمانیدن 1. *шакли гузарандаи феъли* **чамидан**. 2. ба сайру хиром овардан, хиромонидан, ба нозу хиромиш водор кардан.

**ЧАМОНӢ** چمانی соқӣ; бодапаймо, майгусор.

**ЧАМОНЧӢ** چمانچی кӯзаи сартангу шикамвасеи пур аз шароб; тунги шароб, ибриқи май, сурохӣ.

**ЧАНА** چنه воситаи нақлиёт, ки ба ду чӯби ҳамвор қарор гирифтааст ва дар рӯи хок, барф ё ях ҳаракат медиҳанд.

**ЧАНАБ** چنب *д.* ба маънии суннат ва мустаҳаб аст; *муқоб.* **фарз** ва **воҷиб**.

**ЧАНАБОЗӢ** چنه‌بازی 1. шуғлу бозии кӯдакон бо чана. 2. *варз.* намуди зимистонаи варзиш аст, ки варзишгарон бо чана аз рӯи суръат сабқат мекунанд.

**ЧАНАСАВОРӢ** چنه‌سواری сайр кардан бо чана.

**ЧАНАСОЗӢ** چنه‌سازی сохтани чана.

**ЧАНБАР** چنبر 1. доира, ҳалқа, ҳар чизи доирашакл ва ҳалқамонанд; **чанбари зулф** ҳалқаи зулф; **чанбар кардан** доирашакл кардан, ҳалқа кардан; **чанбари ханҷар** чанбаре, ки дар тарафи дохилии он ханҷарҳо гузошта мешуд ва дорбозону чашмбандон аз он мегузаштанд; **чанбари дӯлобӣ** *киноя аз* фалак, осмон; **чанбари кабуд** *киноя аз* осмон; **чанбари осмон** *киноя аз* ҳалқаи осмон, уфуқ; **чанбари аҷал** *киноя аз* **марги ногузир; чанбари чарх** *киноя аз* олам, гетӣ, дунё. 2. гарданбанд, тавқ, қилода; **чанбари меҳвар** доираи уфуқ, меҳвари уфуқ, гирдогирди уфуқ; **чанбари гарданда, чанбари гардун, чанбари даф, чанбари дойира; чанбар задан** ҳалқа задан; ҳалқа ба вуҷуд овардан; **чанбар кардан** ҳалқа кардан чизеро; чанбар сохтан аз чизе; **аз сарв чанбар кардан** *киноя аз* хам кардан, мунҳанӣ ва дуто сохтани чизи рост. 3. *биол.* устухони гардан, тавқи гардан, чанбари дӯш, тарқуҳ; **чанбари гардан** устухони гардан. 4. банд, каманд, гарданбанди асир; ҳалқаи дор; **чанбари ишқ** *киноя аз* доми ишқ, гирифтории ишқ; **чанбари анкабут** *киноя аз* доми анкабут, тори анкабут; **чанбар андохтан** каманд партофтан. 5. ҳалқае, ки барои бозӣ доронданӣ маймун, саг, асп ва дигар ҳайвонот истифода мебаранд; **чун дафи лӯлӣ дарид, аз бахри маймун чанбар аст** (*зарб.*). 6. ҳалқаи чӯбӣ ва ё филизӣ, ки ба шакли доира ё байзавӣ сохта шудааст ва бо он бозигарони ҳавоии сирк ва варзишгардухтарон ҳунарнамоӣ мекунанд; *ниг.* **чанбарбозӣ.** 7. *маҷ.* қайд, банд, гирифторӣ, қафас; **дар чанбари итоат даровардан (доштан)** дар қайди итоати худ гирифтан; **гардан (сар) ба чанбари итоат даровардан** ба итоат даромадан, тобеъ шудан; **сар аз чанбари итоат кашидан** аз

итоат баромадан, саркашӣ кардан; **чанбар-чанбар** ҳалқа-ҳалқа, гирда-гирда.

**ЧАНБАРА** چنبره 1. доира, даф. 2. гардиши миёнхолии чизе; тиреза. 3. *ниг.* **чанбар** 1; **чанбари гул**. 4. асбоби ҳалқамонанде, ки аз порчаҳои матои тофта ва ба ҳам печида тайёр мекунанд ва ҳангоми бо сар кашонидани зарф барои осеб надидан рӯи сар мегузоранд: **чанбараи гардан** *ниг.* **чанбари гардан**.

**ЧАНБАРАК** چنبرک 1. чӯбҳои аз ҳам гузаронидашудаи панҷарамонанд, ки дар пояҳои сандалӣ аз поён барои пой монда нишастан ва аз боло барои гарм нигоҳ доштани хӯрок устувор кардаанд: **чанбараки сандалӣ.** 2. шабакаи чӯбин, ки ҳамчун асбоби кор дар баъзе соҳаҳои ҳунармандӣ (*мас., кашидадӯзӣ*) истифода мешавад. 3. дом барои парандагон. 4. панҷара; девори панҷарашакл. 5. ҳалқае, ки аз навдаҳои дарахт бофта шуда барои нигаҳдорӣ ва интиқоли маҳсулоти ширӣ истифода мегардад.

**ЧАНБАРАКШАКЛ** چنبرکشکل мудаввар, ҳалқамонанд.

**ЧАНБАРБОЗ** چنبرباز касе, ки бо ҳалқаву чанбар ҳунарнамоӣ мекунад.

**ЧАНБАРБОЗӢ** چنبربازی 1. ҳунарнамоие, ки ҳунармандони сирк ва варзишгар-духтарон бо ҳалқаҳои ба шакли доира ё байзавӣ сохта шуда мекунанд. 2. *варз.* яке аз анвои гимнастикаи занон, ки дар русӣ бо номи «обруч» маъмул аст. 3. *киноя аз* рақс кардан ва чарх задан.

**ЧАНБАРДОН** چنبردان тӯр, дом барои шикор кардани баъзе парандаҳо.

**ЧАНБАРИН** چنبرین чанбарӣ, чанбаршакл; каҷ ва хамида.

**ЧАНБАРӢ** چنبری 1. мудаввар, гирд, доирашакл; хамида, чанбармонанд, ҳалқамонанд. 2. қавсмонанд, камоншакл, ҳилолмонанд; хамида ва мунҳанӣ; ҳар чизе, ки ба шакли камон аст; **чанбарӣ шудан (гаштан)** мунҳанӣ, хамида шудан; **чанбарӣ кардан** хам кардан, камонӣ кардан.

**ЧАНБАРКАШ** چنبرکش *кит.* камандафкан, афкананда ва кашондани каманд.

**ЧАНБАРПЕЧ** چنبرپیچ 1. сахт печондашуда (*бо банд, ресмон ё чизҳои дигар*). 2. сахт иҳоташуда (*мас., бо симхораҳо*).

**ЧАНБАРСОЗ** چنبرساز созандаи чанбар, бунёдгари чанбар; **чанбар сохтан** тавқу қилода ва гарданбанд сохтан.

**ЧАНБАРФУРӮШ** چنبرفروش касе, ки дойра, ғалбер, ордбез ва чанбар мефурӯшад, фурӯшандаи чанбар.

**ЧАНБАРЧАСП** چنبرچسپ хеле маҳкам, хеле устувор.

**ЧАНБАРШОХ** چنبرشاخ ҳайвони шохҳояш хамидаи ба ҳам моили доирашакл; **гови (ҳайвони) чанбаршох**.

**ЧАНГ** I چنگ гард, ғубор; хоки ба ҳаво бардошташуда; гарди рӯи чизе нишаста; ◊ **чангашро аз осмон овардан** хоку туроб кардан, несту нобуд кардан; **пеш аз пода чанг хезондан** дар бораи коре ё воқеае пеш аз вуқӯъ ҳаёҳу бардоштан.

**ЧАНГ** II چنگ 1. панҷаи даст бо ангуштони хамидаи нохундор. 2. панҷаи ҳайвонот ва мурғҳои даранда, чангол. 3. даст, қайд, гирифторӣ; **чанг андохтан** *ниг.* **чанг задан**; **чанг андохтан ба дили** *касе* рози дили *касеро* фаҳмидан хостан; **чанг задан** а) ба чанг гирифтан (*чизеро*), чанг андохтан (*ба чизе*), дошта гирифтан бо панҷаи даст; б) даст задан, машғул шудан, ташаббус кардан; ба коре чанг задан; **ба чанг гирифтан (***чизеро***)** ба даст гирифтан чизеро, ба ихтиёри худ даровардани чизеро.

**ЧАНГ** III چنگ 1. нӯки найза; пайкони тир. 2. минқори парандагон, нӯли парандагон.

**ЧАНГ** IV چنگ *мус.* 1. номи асбоби камоншакли мусиқӣ, ки дорои тор аст, ба монанди уд, чағона *ва ғ.*; номи асбоби мусиқии тордор, ки бо ду чӯбча менавозанд. 2. як навъи даф, ки аз ду сафҳаи биринҷӣ иборат буда, онҳоро ба ҳам мезананду оҳанг ба вуҷуд меоваранд. 3. **чанги даҳонӣ** *ниг.* **лабчанг**.

**ЧАНГАК** چنگک 1. оҳани сархамида, ки бо вай чизҳоро банд карда мегиранд, оҳани сартези махсус; қуллоб. 2. оҳани сархамида барои овехтани чизе; **чангаки гӯштовезӣ, чангаки лойкашӣ**. 3. оҳанчаи сархамида

барои бастани дар. 4. қисми оҳании шасти моҳигирӣ, ки сайд ба он гирифтор мешавад.

**ЧАНГАКӢ** چنگکی 1. *мансуб ба* **чангак**; кулобӣ. 2. *биол.* номи устухонест, ки ба таркиби гурӯҳи устухонҳои банди даст дохил мешавад.

**ЧАНГАЛ** چنگل 1. чанги тези бозу шоҳин ва дигар парандагони шикорӣ. 2. нохуни тези панҷаи ҳайвонот, ки дар шикор истифода мебаранд. 3. хори нӯгтези баъзе растаниҳо; **ба таги думи** *касе* **чангал бастан** касеро ба изтироб андохтан, касеро барои ба ҳаракат андохтан таҳрик кардан.

**ЧАНГАЛУК** چنگلوک *кҳн.* инсон ва ҳайвоне, ки дасту пояш кач, маъюб ва чангак аст.

**ЧАНГАР-ЧУНГУР** چنگرچنگور садои ба ҳам бархӯрдани зарфҳои гуногун ё лаъличаҳои (санҷҳои) мусиқӣ.

**ЧАНГБОРОН** چنگباران хокбод, гирдбоди чангу ғубор.

**ЧАНГДОР** چنگدار 1. дорои нохуну чанголи тез. 2. омехта бо гарду чанг.

**ЧАНГЗАН** چنگزن 1. чангнавоз, чангӣ. 2. *киноя аз* сайёраи Зӯҳра (Ноҳид).

**ЧАНГЗАНӢ** چنگزنی навохтани чанг; ҳунарнамоӣ кардан бо чанг.

**ЧАНГЗАНОН** چنگزنان *шакли феъли ҳол аз* **чанг задан**: 1. дар ҳоли чанг задану гирифтан. 2. дар ҳоли навохтани чанг.

**ЧАНГӢ** چنگی навозандаи чанг, чангнавоз, мутриб.

**ЧАНГКАШ** چنگکش дастгоҳе, ки чангу ғуборро мекашад ва ҳавои муҳитеро тоза мекунад.

**ЧАНГКАШАК** چنگکشک асбоби барқии рӯзгор, ки онро барои тоза кардани гарду чанги хона *ва г.* истифода мебаранд.

**ЧАНГКАШӢ** چنگکشی пок гардонидани манзил ё маконе аз гарду чанг.

**ЧАНГҚОВУЗ** چنگقاوز *гуфт., ниг.* **лабчанг**.

**ЧАНГНАВОЗ** چنگنواز *ниг.* **чангзан**.

**ЧАНГНАВОЗӢ** چنگنوازی *ниг.* **чангзанӣ.**

**ЧАНГОЛ** چنگال 1. панҷаи дасти инсон; даст, мушт; **чанголи шер** соҳиби қудрат ва тавоноӣ; **чангол зада гирифтан** якбора ба даст даровардан, қапида гирифтан; **аз чанголи** *касе* **растан** аз дасти касе халос шудан, аз қайду гирифтории касе озод гардидан; **чангол дароз кардан** даст ёзидан, дароздастӣ кардан; **чанголи шер хоридан** ба амали хатарнок даст задан, бо думи шер бозӣ кардан; **чангол кунд шудан** аз кор мондан, дармондаву нотавон шудан; **чангол хоидан** а) *киноя аз* хашмгин шудан; б) дучори ҳасрат ва афсус шудан; в) изҳори нотавонӣ кардан. 2. нохунҳои хамидаи тези ҷонварон ва мурғони даранда. 3. қабза, даста, мушт, ба андозаи як қабза, чени як мушт; **чангол задан** *чизеро* сахт доштан (гирифтан) чизеро, ҳамла кардан; **аз чанголи** *касе, чизе* **раҳоӣ ёфтан** аз қайди *касе чизе* халос шудан; **ба чанголи** *касе, чизе* **гирифтор шудан** ба дасти (қайди) *касе ё чизе* афтодан. 4. асбобест, ки барои хӯрдани ғизои сахт (дувум) таъин гадидааст; шоха. 5. *хӯр.* ғизое, ки аз нони гарми резакарда, равғани дунба ё зард ва ягон намуди ширинӣ (шакар, асал ё харбуза) тайёр менамоянд ва онро бо чангол омехта мекунанд, чангола.

**ЧАНГОЛА** چنگاله *ниг.* **чангол** 4, 5.

**ЧАНГОЛАК** چنگالک *бот.* як навъи растанӣ.

**ЧАНГОЛДОР** چنگالدار ҳар чизе, ки дорои чангол аст.

**ЧАНГОЛЗАН** چنگالزن он ки ва ё он чи чангол мезанад.

**ЧАНГОЛӢ** چنگالی *хӯр.* хӯроки иборат аз нони гарми фатир, ки ба болояш равғани зард мерезанд.

**ЧАНГОЛТЕЗ** چنگالتیز 1. тезнохун, тезчангол. 2. *маҷ.* қавипанҷа, омода барои пайкору набард.

**ЧАНГОЛУД** چنگآلود чанггирифта, чанг пахшкарда, чангнишаста.

**ЧАНГОЛХ(В)АСТ** چنگالخوست *ниг.* **чангол** 7.

**ЧАНГОЛХУШ** چنگالخوش *ниг.* **чангол** 7.

**ЧАНГОН(И)ДАН** چنگاندن//چنگانیدن чанг кардан, чанг бардоштан.

**ЧАНГОР** چنگار *кит.* харчанг, саратон.

**ЧАНГПУШТ** چنگپشت *кит.* хамидапушт, хамидақомат, кӯжпушт.

**ЧАНГЧА** چنگچه 1. оҳанчаи сархамида барои бастани дар; **чангчаи дар**. 2. оҳани сархамида барои аз танӯр кандани нон. 3. оҳани сархамида барои овехтани чизҳо, чангак.

**ЧАНҒАЛОК** چنغلاک пӯчоқи ғӯзаи пахта, ки нахаш аз он гирифта шуда бошад, чаноқ; **чанғалоки пахта**.

**ЧАНД** چند 1. миқдори номуайян; **чанд нафар**; **ба чанд** ба якчанд, ба чандин; **ба чанд нафар** бо якчанд нафар. 2. муддати номуайян, мӯҳлати номуайян; **якчанд вақт** дақиқае чанд; **чанд гоҳ (вақт)** якчанд муддат, муддате. 3. *ҷонишини саволӣ, ки ба чӣ миқдор, чӣ қадар, ба чӣ андоза буданро ифода мекунад*. 4. бор, карат, маротиба; **дучанд, даҳчанд; чанд бор** ба маротиб, борҳо; **то чанд** то кай; **ҳар сари чанд гоҳ** баъзан, замон то замон; **чанд-чанд** борҳо; ба маротиб, чандин маротиба.

**ЧАНДАЛ** *ҳ.* چندل *ниг.* **чандан**.

**ЧАНДАН** چندن 1. *ниг.* **сандал**. 2. хушранг ва устувор.

**ЧАНДАНДЕШӢ** چنداندیشی гуногунандешӣ, мавҷуд будани якчанд ақида оид ба масъалае.

**ЧАНДАР** چندر **:чандар кардан** ду пои пеши ҳайвони савориро ба ҳам бастан, то ки гурехта натавонад, ишкел.

**ЧАНДАСРА** چندعصره чизе, ки ба чандин аср ё давр тааллуқ дорад, бисёрасра.

**ЧАНДАСРИНА** چندعصرینه *ниг.* **чандасра**.

**ЧАНДАСРӢ** چندعصری *мансуб ба* якчанд аср, якчандасрӣ.

**ЧАНДБАРНОМАВӢ** چندبرنامه‌وی чизе, ки дорои чандин барнома мебошад; бисёрбарномавӣ.

**ЧАНДБОРА//ЧАНДБОРӢ** چندباره//چندباری якчанд бор, борҳо: **кори чандбора, замин чандборӣ ронда шуд**.

**ЧАНДВАҚТА** چندوقته 1. давомкунанда дар якчанд муддат. 2. барои якчанд муддат. 3. кӯҳна, қадима, пешина.

**ЧАНДВАҚТИНА** چندوقتینه *ниг.* **чандвақта**.

**ЧАНДГОНА** چندگانه дорои чанд унсур, шакл ва сифат.

**ЧАНДГУНА** چندگونه ҳаргуна, ҳархел.

**ЧАНДГӮША** چندگوشه 1. *ҳанд.* бисёргӯша; бисёркунҷа, чандкунҷа. 2. чизе, ки дорои якчанд гӯша аст.

**ЧАНДЗАБОНА** چندزبانه 1. *марбут ба* **якчанд забон**; **луғатҳои чандзабона**. 2. донандаи якчанд забон.

**ЧАНДЗАБОНӢ** چندزبانی *ниг.* **чандзабона**.

**ЧАНДЕ** چندی 1. як муддати номуайян, якчанд вақт. 2. якчанд, як миқдори номуайян.

**ЧАНДИН** چندین 1. адади бисёри номуайян, якчанд. 2. муддати номуайян, замони номуайян; **чандин сол** якчанд сол, солҳои бисёр. 3. чӣ қадар, чӣ миқдор.

**ЧАНДИНАСРА** چندین‌عصره *ниг.* **чандасра**.

**ЧАНДИНАСРИНА** چندین‌عصرینه *ниг.* **чандасра**.

**ЧАНДИНБОРА** چندین‌باره якчанд маротиба, такрор ба такрор, чандбора.

**ЧАНДИНКАРАТА** چندین‌کرته *ниг.* **чандинбора**.

**ЧАНДИНРӮЗА** چندین‌روزه бисёррӯза, дар муддати чандин рӯз мавҷудбуда; **хӯроки чандинрӯза, пазироии чандинрӯза** пазироии давомкарда дар муддати чанд рӯз.

**ЧАНДИНСОЛА** چندین‌ساله 1. давомкарда дар тӯли чандин сол, бисёрсола; **ошноии чандинсола**. 2. тааллуқдошта ба якчанд сол; **кори чандинсола**.

**ЧАНДИНҶИЛДА** چندین‌جلده иборат аз якчанд ҷилд; бисёрҷилда.

**ЧАНДИР** چندیر *гуфт.* 1. қисме аз гӯшти purрагу пай, ки пухтану хоиданаш мушкил аст. 2. ҳар чизи сахти таранг ва қаиш, ки кандан, шикастан тоб додан ё қат кардани он душвор аст.

**ЧАНДИРГӮШТ** چندیرگوشت гӯште, ки серрагу пай ва сахту душворпаз аст.

**ЧАНДИРӢ** چندیری 1. устуворӣ, мустаҳкамӣ (*дар мавриди ашё*). 2. *физ.* қуввае, ки пас аз қатъ гардидани фишор ашёро ба шаклу

ҳолати пештара бармегардонад, хосияти фишорпазирӣ; сахт, маҳкам.

**ЧАНДИРМУШАК** چندیرموشک дорои мушакҳои чандирӣ, сахтмушак.

**ЧАНДИРПОЙ** چندیرپای дорои пойҳои устувору боқувват; соҳиби пойҳои пурпай.

**ЧАНДӢ** چندی миқдор ва камияти чизе; *муқоб.* **чунӣ**, ки кайфият ва сифати чизеро ифода мекунад.

**ЧАНДКАНАЛА** چندکنله *ниг.* **чандшабакавӣ**.

**ЧАНДКАРАТӢ** چندکرتی *ниг.* **чандинбора**.

**ЧАНДКИЛОМЕТРА** چندکلامتره 1. масофае, ки ба чандин километр тӯл мекашад; **пойгаи чандкилометра**. 2. чизе ё иншооте, ки чандин километр дарозо дорад; **хатти чандкилометраи об**.

**ЧАНДКОРА** چندکاره он ки корҳои зиёде дошта, маъмуран ҳамаи корҳояш нимкора ва ба анҷом нарасида мебошад.

**ЧАНДКОРПУСА** چندکارپوسه 1. созмон ё муассисае, ки дорои якчанд бинову (корпус) иморат аст. 2. сохтори низомие, ки аз воҳидҳои (корпусҳои) сершумор иборат аст.

**ЧАНДКУНҶА** چندکنجه *ниг.* **чандгӯша**.

**ЧАНДҚАБАТА** چندقبطه дорои қабатҳои бисёр.

**ЧАНДМЕТРА** چندمتره дорои якчанд метр дарозӣ; иборат аз якчанд метр масофа.

**ЧАНДМИЛЛИОНА** چندملّیانه дорои якчанд миллион (*аҳолӣ, маблағ ва г.*).

**ЧАНДМОҲА** چندماهه 1. давомкунанда ба муддати якчанд моҳ. 2. мӯҳлат ба ҳисоби моҳ (пурсиш): **бачаатон чандмоҳа шуд?**

**ЧАНДНАФАРА** چندنفره дорои ҷой барои якчанд нафар; бисёрҷоя.

**ЧАНДНАФАРӢ** چندنفری дар ҳайати якчанд нафар.

**ЧАНДНИШОНӢ** چندنشانی дорои якчанд нишониву сурoға.

**ЧАНДНУҚТАӢ** چندنقته‌ای 1. бисёрнуқта. 2. дорои якчанд бахш ё шӯъба дар нуқтаҳои гуногун.

**ЧАНДОДАМА** چندآدمه *ниг.* **чанднафара**.

**ЧАНДОМАД** چندآمد *ниг.* **басомад**.

**ЧАНДОН** چندان 1. он қадар, бисёр, ба он дараҷа; ин чиз чандон бад не. 2. бор, маротиба; **корро ду чандон зиёд кардан**.

**ЧАНДОШЁНА** چندآشیانه бисёрқабата, серошёна, бисёрошёна.

**ЧАНДПОҒУНДАГӢ** چندپاغندگی иборат аз якчанд поғунда (зинапоя).

**ЧАНДРАҚАМА** چندرقمه серрақама, бисёррақама, иборат аз якчанд рақам; **адади чандрақама**.

**ЧАНДРӮЗА** چندروزه 1. давомкарда дар якчанд рӯз, чандинрӯза: **ташвиши чандрӯза**. 2. ба (барои) чанд рӯз; **чандрӯза меравед**?

**ЧАНДСАДОӢ** چندصدائی 1. чандовоза, омадани садои бисёр. 2. равише дар оҳангсозӣ, ки барои чанд нафар оҳанге таҳия мегардад.

**ЧАНДСАДСОЛА** چندصدساله бисёрасра.

**ЧАНДСАР** چندسر *бот.* маъсар.

**ЧАНДСАРА** چندسره дорои якчанд сар; бисёрсара; **аждаҳои чандсара**.

**ЧАНДСОАТА** چندساعته коре ё фаъолияте, ки дар давоми якчанд соат сурат мегирад, бисёрсоата.

**ЧАНДСОАТӢ** چندساعتی дар муддати якчанд соат.

**ЧАНДСОЛА** چندساله 1. давомкарда дар чанд сол. 2. *чизе* ё *шахсе*, ки аз мавҷудияташ якчанд сол сипарӣ шудааст. 3. барои чанд сол.

**ЧАНДСОЛӢ** چندسالی дар муддати якчанд сол.

**ЧАНДТАБАҚА** چندطبقه *ниг.* **чандошёна**.

**ЧАНДТАРАФА** چندطرفه бисёртарафа, бисёрҷиҳата.

**ЧАНДУМ** چندم ҷонишини саволӣ, ки барои муайян кардани тартиби мафҳуму ашё ба кор меравад; **чандум бор, дар синфи чандум**?

**ЧАНДУМИН** چندمین *ниг.* **чандум**.

**ЧАНДФАЗА** چندفزه хатти барқие, ки дорои якчанд фаза мебошад; бисёрфаза.

**ЧАНДХЕЛА** چندخیله гуногун, ҳархела, бисёрхела, гуногуннавъ.

**ЧАНДҲАЗОРА** چندهزاره иборат аз якчанд ҳазор.

**ЧАНДҲАЗОРӢ** چندهزاری ба якчанд ҳазор; мансуб будани якчанд ҳазор ба ҷонибе.

**ЧАНДҲАЗОРСОЛА** چندهزارساله бисёрҳазорсола; **таърихи чандҳазорсола**.

**ЧАНДҲИҶОӢ** چندهجائی бисёрҳиҷоӣ; иборат аз якчанд ҳиҷо будан.

**ЧАНДҲОЛАТӢ** چندحالتی бисёрҳолатӣ, сермавқеӣ, доро будан ба якчанд ҳолат.

**ЧАНДЧИЛДА** چندجلده *ниг.* **чандинчилда**.

**ЧАНДЧИЛДӢ** چندجلدی аз ҳар кадом чанд чилд.

**ЧАНДҶОНИБА** چندجانبه бисёртарафа, серҷониба; **шартномаи чандҷониба** шартномае, ки ба чандин тараф дахл дорад.

**ЧАНДҶОЯ** چندجایه *ниг.* **чанднафара**.

**ЧАНДШАБАКАВӢ** چندشبکه‌وی 1. дорои шабакаҳои зиёд. 2. хосияти дастгоҳе, ки тавассути шабакаҳои сершумор мавҷ қабул карда метавонанд.

**ЧАНОҒ** چناغ *зоол.* навъе аз моҳии баҳрӣ, ки аррамоҳӣ низ мегӯянд.

**ЧАНОР** چنار *ниг.* **чинор**.

**ЧАНОРАК** چنارک *ниг.* **чинорак**.

**ЧАП** چپ 1. *муқоб.* **рост**, он тарафи бадан, ки дар он дил воқеъ аст; ясор (*муқоб.* **ямин**), майсара (*муқоб.* **маймана**); **хоби зан чап аст** а) *кинояи аз* ғайривоқеӣ ва амалинашаванда будани хоҳишу майли ҷониби дигар (*ба мусоҳиб дар гуфтугӯ мегӯянд*); б) баръакс воқеъ гардидани ҳодиса ё воқеаи мавриди интизории касе; **аз паҳлӯи чап офарида шудан** *кинояи аз* макру ҳила доштан ва фиребгар будан; **чап аз рост надонистан** а) тифли ноболиғ будан; б) ақлу тамиз надоштан, ҷоҳил ва бесавод будан; **роҳ чап кардан** *кинояи аз* беэътиноӣ кардан, эътибор надодан, ташриф наовардан. 2. роҳи каҷи ғайримаъруф ва дуртар; **роҳи чап**. 3. *с.* равияе, ки нисбат ба ҳокимияти кишвар ё сиёсати давлатӣ мувофиқ нест ва тарафдори тағйироту таҳаввулоти куллӣ мебошад; **чапу чилеб** каҷу килеб, бетартибона; **чап будан бо** *касе* дар муносибати бад будан бо касе, бо касе носозгор будан; **бо** *касе* **чап додан** якбора ба тарафе гашта, аз ҳамла худро халос кардан; **чап нигоҳ кардан** а) яктарафа нигаристан; б) бад нигоҳ кардан, бад муносибат кардан; **чап фаҳмидан** нодуруст фаҳмидан, баръакс фаҳмидан; **чап шудан** а) номувофиқ шудан; б) дар муносибат бад шудан; **ба чапу рост гардондан** ба ҳар тараф бурдан, бо ғараз ё мақсади муайян рафти чизеро дигар кардан; **бо дасти чап бархестан** а) муваффақ нагаштан дар корҳо; б) кайфияти нохуш доштан; **чашми (абрӯи) чап паридан** боварест, ки тибқи он гӯё касро ногуворӣ дар пешаст. 4. касе, ки бо дасти чап бештару беҳтар кор мекунад, чапдаст, чаппадаст; **чап-чап нигоҳ кардан** а) тарсида-тарсида нигоҳ кардан; б) бад-бад нигоҳ кардан; в) пурмаъно нигаристан.

**ЧАП(П)А** چپه 1. дар ҳолати акс воқеъ шудани чизе, сараш поён ва пояш боло воқеъ шудани чизе; вожгун хобидан, афтидан, воқеъ шудани чизе; *муқоб* **роста**; **чаппа гузоштан** рӯ ба поин гузоштан. 2. вожгун, баръакс. 3. рӯгардон; чаппа кардан, зеру рӯ кардан; **чаппа шудан** вожгун шудан, сар ба поин афтидан; **чаппаю посгуна (поскуна) шудан** рӯгардон шудан, тамоман зеру рӯ шудан; **чаппаю роста кардан** ба ҳам омехтан, дарҳаму барҳам кардан, рӯгардон кардан; **рӯ чаппа кардан** рӯй гардондан (тофтан); **ҷома(пӯстин)ро чаппа пӯшидан** барқасд кор кардан, ба коре (*чизе*) муносибати акс нишон додан (*бо ҳисси хашм, газаб ва г.*).

**ЧАП(П)АГАРДОН** چپه‌گردان ба тарафи акс гардондан, зер ба рӯ кардан; **чаппагардон шудан** чаппа шуда афтидан.

**ЧАПАК** چپک ду кафи дастро ба ҳам зада садо баровардан (*дар вақти табрик кардан, маъқул донистан ва изҳори ҳаяҷони худ*), қарсак, кафкӯбӣ; **чапак задан** а) кафкӯбӣ кардан (*бо як оҳанг дар ягон ҳавои махсус*); б) кафкӯбӣ кардан барои изҳори ҳаяҷон аз чизе ё табрик ва таҳсини касе (чизе).

**ЧАПАКЗАНӢ** چپکزنی чапак задан, қарсакзанӣ, каф кӯфта садо баровардан барои ҳаяҷон ё изҳори ҳиссиёти дигар: **чапакзаниҳои пурмавҷ**.

**ЧАПАН** چپن *гуфт.* 1. бесавод, ҷоҳил. 2. одами беодоб.

**ЧАПАНА** چپنه *гуфт.* 1. чапдаст, чаппадаст. 2. чап, чаппа.

**ЧАПАНДОЗ** I چپانداز аспсавори моҳир, савори дар бузкашӣ ҳунарманд.

**ЧАПАНДОЗ** II چپانداز 1. тирандози моҳире, ки ба дасти чап тир мепаронад. 2. фиребгар, ҳилагар, маккор.

**ЧАПАНДОЗ** III چپانداز номи оҳанге аз оҳангҳои «Шашмақом».

**ЧАПАНДОЗӢ** I چپاندازی бузкашӣ; машқи аспдавонӣ.

**ЧАПАНДОЗӢ** II چپاندازی фиребгарӣ, ҳилагарӣ, маккорӣ.

**ЧАП(П)АПЕЧ** چپّه‌پیچ 1. *кҳн.*, *грам.* вергул, мумайийз. 2. *тех.* мурвати печаш (рахаш) чаппа буридашуда.

**ЧАПАР** I چپر 1. хона ва деворе, ки аз шоху навда ва наю хошок сохта мешавад. 2. доира ва ҳалқа; ҳалқаи одамон, ки дар гирди касе ҷамъ меоянд. 3. деворе, ки барои паноҳ бурдан аз хоку об дар муқобили қалъа барои тасхири он созанд. 4. шохаҳои дарахти ба ҳам сахт басташудаи паҳн ё шохаҳои оҳании ба андозаи муайян сохта, ки ба рӯи хирмани ғалла барои майда кардани хӯшаҳои ғалла ва барои ҳамвор кардани замин баъд аз шудгор ва кишт баста мегардонанд; **чапар бастан**, **чапар гардонидан**.

**ЧАПАР** II چپر 1. қосид, он ки аз як ҷо ба як ҷои дигар фиристода мешавад, мухаффафи чопор. 2. хабаргир, он ки барои фаҳмидани вазъият ба ҷое фиристода мешавад, ҷосус, мукташиф.

**ЧАПАРАК** I چپرک *ниг.* **чапар** I. 1.

**ЧАПАРАК** II چپرک бофтае аз шохҳои дарахт, ки дар шустани рег дар заршӯӣ истифода мекунанд.

**ЧАПАРАК** III چپرک дом барои парандагон, ки аз чоҳ ва болопӯши он дар шакли навдабӯрё иборат аст.

**ЧАПАРАК** IV چپرک девори аз наю навда бофташуда, шиғ, тавора.

**ЧАПАРБОФ** چپرباف ҳар чизе, ки ба тариқи чапар ва тавора бофта шавад.

**ЧАПАРГАРДОНӢ** چپرگردانی ба рӯи хирман бо гов гардонидани чапар.

**ЧАПАРГӮШ** چپرگوش *лаҳҷ.* калонгӯш, гӯшлаққа.

**ЧАП(П)АШАВӢ** چپّه‌شوی чаппагардон шудан, чаппа шудан.

**ЧАПГИР** چپ‌گیر 1. он ки сухани касеро барқасд нодуруст мефаҳмад ва нодуруст эзоҳ медиҳад. 2. касе, ки муносибати боғараз зоҳир мекунад.

**ЧАПГИРӢ** چپ‌گیری 1. барқасд нодуруст фаҳмидан ва нодуруст маънидод кардани сухани касе. 2. муносибати боғараз зоҳир кардан

**ЧАПҒАЛАТ** چپ‌غلط дар ҷанг ё вақти гурез чапу рост рафта ҳарифро ба ғалат андохтан; **чапғалат додан** ба чапу рост гашта, дигаронро ба ғалат андохтан, қасдан ба иштибоҳ монондан касеро.

**ЧАПДАР** چپ‌در аспи пурзӯри тездав.

**ЧАПДАСТ** چپ‌دست 1. он ки бо дасти чап кор мекунад, чаппадаст. 2. *маҷ.* он ки дар кор бештар ба ҳилагарӣ ва қаллобӣ моил аст.

**ЧАПДАСТӢ** چپ‌دستی 1. кор кардан бо дасти чап. 2. ба қаллобию ҳилагарӣ майл доштан (моил будан) дар кор.

**ЧАПИГАРӢ** چپیگری *с., ниг.* **чапӣ**.

**ЧАПИРА** چپیره ҷамъ, ҷамъият, гурӯҳи аз мардум, ки дар як ҷо ҷамъ шуда бошанд. **чапира шудан** ҷамъ шудан, ғун шудани гурӯҳе аз мардум.

**ЧАПӢ** چپی *с. мансуб ба* **ҷараёни чап**.

**ЧАПКӮЧА** چپکوچه *ниг.* **паскӯча**.

**ЧАПОН** *т.* چپان либоси пахтаноки болопӯш, ҷомаи пахтанок; **чапони беқасаб; чапони сатин**.

**ЧАПОТӢ** چپاتی *хӯр.* нони тунук.

**ЧАППИН** چپّین *ниг.* **чаббин**.

**ЧАППОТӢ** چپّاتی *хӯр.*, *ниг.* **чапотӣ**.

**ЧАПРАВ** چپرو *с.* моил ба ҷараёни чап.

**ЧАПРАВӢ** چپروی *с.* майл кардан ба ҷараёни чап.

**ЧАПЧАК** چپچک *гуфт., ниг.* **чапотӣ**.

**ЧАРАҚСА//ЧАРАКСА** چرقسه//چرکسه *гуфт.* қатраҳои об, лой ё шарораи оташ, ки бо таъсири чизе мепарад ва ба ашёву ашхоси атроф мерасад.

**ЧАРАҚСОН(И)ДАН** چرقساندن//چرقسانیدن қатраҳои об ё лойи обакро пароканда карда ба атроф пош додан.

**ЧАРАҚ-ЧАРАҚ** چرقچرق *калимаи тақлиди овоз,* ки садои ба ҳам бархӯрдани чизҳои оҳаниро ифода мекунад.

**ЧАРАНГ** چرنگ *кҳн.* 1. овозе, ки ба сабаби пайдарпай ба ҳам бархӯрдани шамшеру гурз *ва г.* ҳосил мешавад, чакочок, ҷаранг. 2. инъикоси акси садо дар кӯҳ, гунбад, ҳаммом *ва г.* 3. овозе, ки ҳангоми тир парондан аз камон ҳосил мешавад.

**ЧАРАНГАК** چرنگک *зоол.* парандаест ниҳоят хурду кӯчак.

**ЧАРАНГИДАН** رنگیدن 1. *кҳн.* овоз баровардани гурзу шамшер ва монанди он ҳангоми бархӯрдан ба чизе, ҷарангидан. 2. садои зангу овози зангӯла,ҷарас.

**ЧАРАНД** چرند 1. сухани пучу бемаънӣ, ёва, ҳарза, ҳазён; **чаранд гуфтан** ёва гуфтан, сухани ҳарзаву бемаънӣ гуфтан; **чаранду паранд** ҳарза, ҳазён, гуфтори беҳуда. 2. ҳайвон, чаранда, чорпо.

**ЧАРАНДА** چرنده чорпои алафхор, ки чаро мекунад; *муқоб.* паранда; ҳайвони гиёҳхор; **чарандаву паранда** чизе, ки дар замин чаро мекунад ва чизе, ки дар ҳаво парвоз мекунад, *киноя аз* мавҷудоти зинда.

**ЧАРАНДГӮЙ** چرندگوی ҳарзагӯй, ёвагӯй, гӯяндаи суханҳои беҳудаву бемаънӣ.

**ЧАРАНДГӮӢ** چرندگوئی 1. ҳарзагӯӣ, ёвагӯӣ, беҳудагӯӣ. 2. гуфтори берабту бемантиқ, сафсата.

**ЧАРАНДУ** چرندو устухони нарме, ки онро хӯрда мешавад, ба мисли устухони шона, гӯш, параҳои димоғ *ва г.*; ғузруф, тағояк.

**ЧАРАС I** چرس *кит.* зарф ё ҳавзест, ки дар он ангур рехта бо пой фишоранд, то ширaи он ҷудо гардад, чархушт, чархуст, чурух.

**ЧАРАС II** چرس *кит.* чарогоҳ, чарогоҳи чорпоён, мартаъ.

**ЧАРАС III** چرس *кит.* 1. банд, зиндон, маҳбас. 2. шиканҷа, озор, азобу машаққат.

**ЧАРАС IV** چرس *кит.* чизҳое, ки дарвешон ва соилон бо гадоӣ ҷамъ меоранд; хайрот ва садақа.

**ЧАРАСДОН** چرسدان рӯмоли калоне, ки дарвешон чор гӯшаи онро баста ба дӯш мегирифтанд ва моли ба гадоӣ омадаро дар он ҷамъ мекарданд.

**ЧАРАХСА** چرخسه *ниг.* **чарақса**.

**ЧАРБ** چرب 1. равған, пиҳ, ба хусус равғани даруни. 2. равғанин; *муқоб.* хушк ва равғаннадида; серравған; **хӯроки чарб** таоми серравған; **дасти чарб ба сари касе молидан** ба касе аз молу дороии худ насибае додан; **чарбу хушк** а) *киноя аз* баду нек; б) *киноя аз* зиёду кам; в) *киноя аз* саховату хасисӣ. 3. равғанолуд, ифлос, чарболуд, чиркин. 4. *маҷ.* нарм, мулоим, латиф, матбӯъ: **гуфтори чарб, забони чарб, сухани чарб**. 5. беш аз вазну миқдори муайян, каме вазнинтар аз миқдори қарордодшуда.

**ЧАРБА** چربه 1. коғази бисёр нафиси чарбшуда, ки наққошон ва рассомон рӯи саҳифаи мунаққаш мегузоранд ва нақши онро мебардоранд; коғази тунуке, ки меъморон ва тарроҳон рӯи нақшаи дигар гузошта рӯбардор мекунанд. 2. пардае, ки дар рӯи шир бандад; саршир, қаймоқ.

**ЧАРБАК I** چربک 1. *ниг.* **чарба** 2. 2. нони тунуке, ки дар равған бирён мекунанд ва ба арвоҳи гузаштагон садақа мекунанд ва онро маъмулан бо ҳалво мехӯранд; чалпак.

**ЧАРБАК II** چربک 1. сухани дурӯғе, ки ба рост монанд аст. 2. танзу масхарае, ки фасодовар бошад, ҳаҷви бемаврид; шӯхии ноҷову беасос. 3. тӯҳмат, бӯҳтон. 4. чистон, лағв.

**ЧАРБАНДА** چربنده *маҷ.* бартаридошта, дорандаи бартарӣ дар вазн; дорандаи бартарӣ дар вазн нисбат ба чизи дигаре; бештар, беҳтар.

**ЧАРББОЛО** چرببالا *кит.* хушқаду қомат,

мавзунқомат, хушандом, чарбқомат.

**ЧАРБГУФТОР** چرب‌گفتار чарбзабон, хушсухан, ширинзабон.

**ЧАРБГУФТОРӢ** چرب‌گفتاری чарбзабонӣ, хушсуханӣ, ширинзабонӣ.

**ЧАРБГӮ(Й)** (چرب‌گو(ی 1. нармгӯй, хушзабон, хушсухан; фасеҳ. 2. чоплус, хушомадгӯй, тамаллуқкор. 3. фиребгар, фиребанда.

**ЧАРБГӮӢ** چربگوئی 1. ширинзабонӣ, хушзабонӣ, хушсуханӣ; фасоҳат. 2. чоплусӣ, хушомадгӯӣ, тамаллуқкорӣ, забонбозӣ. 3. фиребгарӣ, фиребандагӣ.

**ЧАРБДАСТ** چرب‌دست 1. чусту чолок; моҳир кордон, тардаст. 2. ширинкор; ҳуққабоз. 3. боҳунар; устод, санъатгар, мутахассис. 4. хирадманд, оқил, доно, донишманд.

**ЧАРБДАСТӢ** چربدستی 1. тездастӣ, чустию чолокӣ; **чарбдастӣ кардан** чустию чолокӣ кардан. 2. ширинкорӣ, тардастӣ; ҳуққабозӣ. 3. ҳунармандӣ, чирадастӣ; маҳорат. 4. хирадмандӣ, оқилӣ, донишмандӣ.

**ЧАРБЗАБОН** چرب‌زبان 1. *ниг.* **чарбгӯй**. 2. он ки бо нармсуханӣ ва хушзабонӣ ҳар касро ба худ моил карда тавонад. 3. *киноя аз* чоплусу тамаллуқкор, хушомадгӯй. 4. фиребгар, фиребанда бо забони нарму ширин. 5. фасоҳат ва балоғат дар сухан.

**ЧАРБЗАБОНӢ** چرب‌زبانی 1. хушсуханӣ, чарбгуфторӣ, ширинсуханӣ. 2. тамаллуқ, чоплусӣ, хушомадгӯӣ; **чарбзабонӣ кардан** хушомадгӯӣ кардан.

**ЧАРБИДАН** چربیدن 1. ғолиб омадан, пирӯз гардидан, музаффар шудан. 2. бартар омадан; афзунӣ доштан дар мартабаву мақом. 3. *гуфт.* ҳазм шудан, дар бадани касе ҳал шудан. 4. вазнин будан, сангин омадан, зиёд омадан (*дар вазн*).

**ЧАРБИШ** چربش 1. чизи чарб мисли дунба, пиҳ ва амсоли он; чарбу, равған, чарбии рӯи гӯшт. 2. зиёдшавӣ, афзоиш, фузунӣ, бештарӣ (*аз нигоҳи вазн*); *ниг.* **чарбидан**.

**ЧАРБИШДОР** چربش‌دار фарбеҳ, равғандор, чарбудор.

**ЧАРБИШФУРӮШ** چربش‌فروش чарбуфурӯш, равғанфурӯш, фурӯшандаи анвои чарбиҳо.

**ЧАРБӢ** چربی 1. пиҳ ва равғани даруни гӯспанд, буз, гов *ва г.,* ки аз ғайри дунба мебошад. 2. фарбеҳӣ, танпарварӣ. 3. *маҷ.* мулоимат, нармӣ; хушӣ, латофат, форамӣ; **ба чарбӣ** бо лутфу хушӣ ва мулоимат.

**ЧАРБОНИДАН** چربانیدن 1. афзудани миқдори чизе ҳангоми баркашидан, паллаи бор вазнин кардан дар тарозу. 2. нархи чизи фурӯширо аз будаш зиёд кардан. 3. баҳраву ҳиссаи касеро зиёд кардан.

**ЧАРБОХУР** چرب‌آخور 1. фарохии айшу неъмат, вусъати фароғат ва айшу неъмат; охури чарб. 2. касе, ки рӯзгораш пурнозу неъмат аст. 3. чорпое, ки обу алафаш фаровон аст.

**ЧАРБОХУРӢ** چرب‌آخوری 1. фаровоннеъматӣ, айшу фароғати комил доштан, нозу неъмати фаровон доштан. 2. фаровонии обу алафи чорво.

**ЧАРБПАҲЛУ** چرب‌پهلو 1. фарбеҳ; *муқоб.* **лоғар**. 2. он кас, ки мардум аз ӯ баҳраманд шаванд, доро, сарватманд.

**ЧАРБРАБО** چرب‌ربا 1. зиёдрабо, афзунрабо. 2. рабояндаи ғизову таом, рабояндаи хӯроки чарбдор. 3. рабояндаи чизи нарму матбӯъ; *киноя аз* шахси ғоратгар.

**ЧАРБРӮД** چرب‌رود *ниг.* **чарбрӯда**.

**ЧАРБРӮДА** چرب‌روده 1. рӯдае, ки даруни онро чарбӣ, пиҳ ва гӯшт пур карда пазанд, ҳасиб, ҷуҳудона. 2. чарбии рӯи рӯдаҳо.

**ЧАРБСУХАН** چرب‌سخن 1. он ки ба суханони нарму диловез шунавандаро ҷазб кунад, чарбгуфтор, хушгуфтор, хушсухан, чарбзабон. 2. чоплус, забонбоз, тамаллуқкор, мардумфиреб.

**ЧАРБСУХАНӢ** چرب‌سخنی 1. хушсуханӣ, чарбзабонӣ, нармгуфторӣ. 2. забонбозӣ, мардумфиребӣ. 3. чоплусӣ, хушомадгӯӣ, тамаллуқ.

**ЧАРБТАРОЗУ** چرب‌ترازو 1. фурӯшандае, ки ба манфиати харидор тарозу вазнин мекунад. 2. *маҷ.* касе, ки тарозуи аъмолаш вазнин аст; касе, ки корҳои савоб аз кори бад бештар кардааст.

**ЧАРБУ** چربو равғани дарунии ҳайвонот, пиҳ.

**ЧАРБУБАСТА** چربوبسته фарбеҳшуда, равғангирифта.

**ЧАРБУГӢ** چربوگی *мансуб ба* **чарбу**; аз чарбу тайёр кардашуда.

**ЧАРБУДОР** چربودار дорои чарбу, чарбубаста, равғангирифта аз дарун.

**ЧАРБУЗ** چربز навъе ҳайвони хурди хокиранг, ки пойҳояш аз дастҳояш баландтар ва кафи пояш паҳн асту думи дароз дорад, дар дашту саҳроҳои васеъ зиндагӣ мекунад, ҳангоми ҳаракат ҷаҳишҳои баланд мекунад, муши саҳроӣ, калокмуш, барбуъ.

**ЧАРБХЕЗ** چربخیز *кит.* он ки дорои файзу неъмати фаровон аст, мунъим.

**ЧАРБХӮРИШ** چربخورش хӯрандаи хӯроки равғанин ва гуворо; хӯроки равғанин ва болаззат.

**ЧАРБ-ЧАРБ** چربچرب 1. *кинoя аз* гуфтору рафтори нарму фиребо. 2. меҳрубонӣ ва чоплусӣ дар изҳори муҳаббат.

**ЧАРБШИР** چربشیر инсон ё ҳайвоне, ки равғаннокии шираш баланд аст.

**ЧАРВИДА** چرویده *кит.* 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **чарвидан**. 2. равоншуда, рафта.

**ЧАРВИДАН** چرویدن *кит.* 1. чора ҷустан, чора андешидан, чораҷӯӣ кардан. 2. давидан, равон шудан.

**ЧАРГАР** چرگر *кҳн.* ҳофиз, сурудхон, муғаннӣ, хунёгар, овозхон.

**ЧАРҒ** چرغ *зоол.* парандаи сиёҳранги зӯрчанголи шикорӣ аз ҷинси уқоб, сақар; шоҳин, шаҳбоз.

**ЧАРҒАНД** چرغند *кҳн.* 1. чароғ. 2. чароғдон, чароғпоя.

**ЧАРҒАНДА** چرغنده *ниг.* **чарғанд**.

**ЧАРҒДОР** چرغدار он ки чарғу бозро ҳангоми шикор дар даст нигаҳ медорад, саққор.

**ЧАРД I** چرد *кит.* остонаи хона.

**ЧАРД II** چرد ранги моил ба сурхӣ, ки ба аспу шутур ва хару астар хос аст.

**ЧАРДА** چرده *кит.* 1. ранг, лавн. 2. пӯсти рӯй ва бадани инсон.

**ЧАРДОН** چردان 1. тос ва кашкӯле, ки соилон ҳангоми гадоӣ ба даст гиранд ва дар он чизи ба гадоӣ омадаро оваранд. 2. ҳалқаи дар.

**ЧАРЗ** چرز *зоол.* **дуғдоғ**.

**ЧАРИДАН** چریدن 1. гардиш кардану алаф хӯрдани ҳайвонот дар чарогоҳ ва марғзор, чаро кардан. 2. хӯрдан.

**ЧАРИК** چریک лашкаре, ки барои мадад ва ёрии лашкари дигар аз ҷое ба ҷое фиристонда мешавад.

**ЧАРИШ** چرش *исми масдар аз* **чаридан**.

**ЧАРМ** چرم 1. пӯсти даббоғӣ шудаи ҳайвонот, ки барои дӯхтани пойафзору либосу кулоҳ *ва г.* истифода мекунанд: **чарми хом, чарми пухта, чарми сунъӣ; ба рӯи худ чарм кашидан** шарму ҳаёро як сӯ гузоштан. 2. *кит.* пӯст, пӯсти бадани инсон ва ҳайвон.

**ЧАРМГАР** چرمگر он ки касбаш чарм омода кардан аст.

**ЧАРМГАРӢ** چرمگری 1. кор, касби чарм тайёр кардан. 2. корхона ва коркарди чарм; **пӯсташро аз чармгарӣ меёбӣ** а) дар бораи ҳайвоне, ки ҳатман кушта мешавад; б) дар бораи чизе, ки ба нест шудан маҳкум аст.

**ЧАРМДАСТАК** چرمدستک пойафзол, ки дасташ аз чарм аст.

**ЧАРМДАСТАКДӮЗӢ** چرمدستکدوزی дӯхтани дастаки чармини пойафзол.

**ЧАРМИН** چرمین аз чарм дӯхта ё тайёр кардашуда; **палтои чармин, дӯлчаи чармин**.

**ЧАРМИНАПӮШ** چرمینه‌پوش дорои либоси чармин, бо либоси чармӣ.

**ЧАРМӢ** چرمی *мансуб ба* **чарм**; он чи аз чарм дӯзанд; чармина,

**ЧАРМОЛОТ** چرمالات молу маҳсулоти чармӣ.

**ЧАРО I** چرا *ҷонишини саволӣ* барои чӣ? ба чӣ сабаб?; **чаро ки**… барои он ки…, зеро ки, азбаски…; **чуну чаро** саволи бисёр, пурсиши бисёр; **бе чуну чаро** бе шакку шубҳа, бе ҳеҷ гап, ҳатман.

**ЧАРО II** چرا 1. чаридан, алаф хӯрдани ҳайвонот дар чарогоҳ; ба чаро бурдан, ба чаро сар додан, аз чаро баргаштан. 2. алаф, гиёҳе, ки ҷонвар дар чарогоҳ мехӯрад.

**ЧАРОГАР** چراگر чаранда, алафхӯр.

**ЧАРОГОҲ** چراگاه маҳалли чаридани ҳайвоноти алафхор.

**ЧАРОГОҲӢ** چراگاهی *мансуб ба* **чарогоҳ**.

**ЧАРОҒ** چراغ 1. асбоби равшанидиҳандаест, ки чароғи равғанӣ, нафтӣ (карасинӣ), газӣ ва барқӣ навъҳои мухталифи он мебошад; **чароғи сиёҳ** чароғи иборат аз фатила ва равған, ки дар зарфи махсуси сафолӣ ё чӯянӣ месӯхт; **чароғи худафрӯз** *маҷ*. чароғи барқӣ; **чароғи** *касеро* **афрӯхтан** рӯҳи касеро шод кардан, кори касеро давом додан; **чароғи** *касеро* **хомӯш накардан** ӯро фаромӯш накардан, кори касеро давом додан; **рӯзона бо чароғ кофта наёфтан** *маҷ*. а) нодир будани чизе; б) камнамо будани касе. 2. лампаи барқӣ, лампочкаи электрии ҳар чиз. 3. *маҷ*. фарзанди азиз, нури чашми падару модар.

**ЧАРОҒАК** چراغک 1. соиқа, оташак, барқ, чақмоқ. 2. чароғи хурд; **чароғаки сиёҳ** пилсӯз, милмилак. 3. кирми шабтоб.

**ЧАРОҒАНДА** چراغنده *ниг*. **чароғпоя**.

**ЧАРОҒАФРӮЗ** چراغافروز 1. чароғдаргирон, он ки чароғро равшан мекунад. 2. *маҷ*. нурбахш равшандиҳанда, равшанбахш.

**ЧАРОҒБОНА** چراغبانه *ниг*. **чароғпоя**.

**ЧАРОҒВОНӢ** چراغوانی оини пеш аз ҷашне бастани кӯю барзани шаҳр бо чароғи бисёр ва равшан кардан.

**ЧАРОҒВОР** چراغوار монанди чароғ.

**ЧАРОҒВОРА** چراغواره қандил, ки дар он чароғро гузошта меафрӯзанд, чароғпоя.

**ЧАРОҒВОСА** چراغواسه *кит*. парвонае, ки дар атрофи чароғ давр мезанад.

**ЧАРОҒДОН//ЧИРОҒДОН** چراغدان зарфи чароғи сиёҳ, ки дар он равғани зағир *ва г.* рехта мешавад.

**ЧАРОҒДОР** چراغدار 1. нигаҳдорандаи чароғ; ходиме, ки нигоҳубини чароғҳо ба ӯҳдаи ӯст. 2. дорои чароғ ва мабдаи равшанӣ.

**ЧАРОҒИНА** چراغینه кирми хурди сабзранг, ки дар шаби торик чун чароғ медурахшад, кирми шабтоб, кирми шабчароғ.

**ЧАРОҒИСТОН** چراغستان 1. маҳалле, ки ба мақсади баргузории ҷашне бо чароғҳо ороиш дода шудааст. 2. ҷое, ки бо чароғи бисёр равшан карда шудааст.

**ЧАРОҒӢ** چراغی *кҳн*. 1. ходим ва шогирд дар хонақоҳ. 2. музде, ки ба ходим ва шогирди хонақоҳ медоданд; замине, ки ба масҷид вақф шудааст. 3. садақае, ки ба дарвешони шабгард медоданд.

**ЧАРОҒКУШ** چراغکوش он ки чароғро хомӯш кунад, кушандаи чароғ.

**ЧАРОҒКУШОНӢ** چراغکوشانی 1. амали қабеҳ, кирдори зишт; ҳар амали зиште, ки хангоми содир кардани он аз равшанӣ сарфи назар кунанд. 2. чароғро хомӯш кардан.

**ЧАРОҒМУРДА** چراغمرده торик, зулмонӣ, бенур, бефурӯғ.

**ЧАРОҒОВЕЗ** چراغآویز он чи ба он чароғ овезанд; **мехи чароғовез**.

**ЧАРОҒОН** چراغان 1. чароғи бисёр афрӯхтан дар хона ё дар шаҳр ба муносибати ҷашне. 2. равшан, пурнур, мунаввар; **чароғон кардан** а) пурчароғ кардан, бо чароғи бисёр равшан кардан; б) пурнур ва мунаввар кардан; **чароғон шудан** пурнур гаштан, мунаввар гардидан.

**ЧАРОҒОНӢ** چراغانی *ниг*. **чароғон**.

**ЧАРОҒПОЯ** چراغپایه 1. ҷой ё асбобе, ки ба болои он чароғ гузошта мешавад. 2. ду пои пешашро бардошта, ба ду пои ақиб рост истодани асп.

**ЧАРОҒСОЗ** چراغساز 1. созандаи чароғ. 2. касе, ки бо таъмири чароғ машғул аст, чароғчӣ.

**ЧАРОҒСОЗӢ** چراغسازی 1. тайёр кардани чароғ ва асбобҳои равшанидаҳанда; корхонаи чароғсозӣ. 2. дӯкони таъмири чароғ.

**ЧАРОҒЧА** چراغچه чароғи хурд: **чароғчаи милмилак, чароғчаи электрӣ, чароғчаи кисагӣ**.

**ЧАРОҒФУРӮШ** چراغفروش фурӯшандаи чароғ.

**ЧАРОҒФУРӮШӢ** چراغفروشی 1. фурӯши чароғ. 2. ҷое, ки дар он ҷо чароғу лампаҳои гуногун мефурӯшанд.

**ЧАРОЗОР** چرازار замини чаро, чарогоҳ, чарохор.

**ЧАРОӢ** I چرائی чаранда, ҳайвони гиёҳхор.

**ЧАРОӢ** II چرائی *аз ҷонишини саволии* **чаро** *ва пасванди исмсози – ӣ сохта шудааст, ба маънии пурсиш, чаро гуфтан, сабабиятро муайян кардан.*

**ЧАРОН** چران 1. дар ҳолати чаридан. 2. дар ҳолати хӯрдан. 3. *маҷ.* дар ҳоли хӯшгузаронӣ, айшкунон.

**ЧАРОНАНДА** چراننده он ки чорпоро мечаронад, шубон, чӯпон.

**ЧАРОН(И)ДАН** چراندن//چرانیدن *шакли бавоситаи феъли* **чаридан**. 2. дар чарогоҳ ҳайвонотро алаф хӯрондан, ҳайвонотро ба чаро доштан.

**ЧАРОПУЛӢ** چراپولی *таър.* навъи андоз барои чаронидани ҳайвонот, ки соҳиби чарогоҳ аз соҳиби чорпо мегирифт.

**ЧАРОСАК** چراسک ҷондоре, ки аз малах хурдтар асту шабҳо бо овози борики тӯлонӣ чиррос мезанад, чирчирак.

**ЧАРОСИТОН** چراستان чарогоҳ, ҷои чаридан, чарозор.

**ЧАРОХВОРА** چراخواره *ниг.* **чароғвора**.

**ЧАРОХОР** چراخوار 1. чарогоҳ, мартаъ, чаридангоҳ. 2. чаранда, хурандаи алаф.

**ЧАРОҶО(Й)** چراجا(ی) *ниг.* **чарогоҳ**.

**ЧАРС** I چرس раманда, унснагирифта, ромнашуда.

**ЧАРС** II چرس зудшикан, нозук.

**ЧАРС** III چرس гарди банг аст, ки ҷамъ карда ба сигор ё қалён ниҳода мекашанд ва он тарсу ваҳм ва иштиҳоро меафзояд, ҳашиш, наша.

**ЧАРСДОН** چرسدان қуттӣ ё халтачае, ки нашъамандон дар он чарс нигоҳ медоранд.

**ЧАРСӢ** چرسی *кҳн.* он ки чарс мекашад, бангӣ.

**ЧАРС-ЧАРС** چرسچرس *калимаи тақлиди овоз, ки* садои сӯхтани ҳезум ё шикастани чизеро ифода мекунад.

**ЧАРТЕР** *англ.* چرتیر шартномаи ҳамлу нақл тавассути киштӣ ва ё ҳавопаймо.

**ЧАРТЕРӢ** چرتیری *марбут ба* **чартер**.

**чарх** چرخ *асоси замони ҳозира аз* **чархидан**.

**ЧАРХ** چرخ 1. ҳар чизи гирд, ки ба даври меҳвари худ мегардад, ғилдирак; **чарх задан**; а) гирд гаштан, давр задан; б) гардиш кардан, роҳ рафта тамошо кардан; **чарх задани сар** гирд гаштани сар (*аз беҳолӣ, мастӣ ва г.*); **об чарх задан (дар чашм)** ашк пайдо шудан дар чашм. 2. асбобҳои бо чарх коркунанда; **чархи кулолгарӣ; чархи ресмонресӣ; чарху дук** асбоби ресмонресии дастӣ; **чарх ресидан** дар чарх ресмон риштан. 3. номи дастгоҳи чархдоре, ки дар он асбобҳои теғадорро дошта тез мекунанд; **кордро чарх доштан** кордро дар чарх тез кардан. 4. *маҷ.* осмон, сипеҳр, фалак; **чархи ахзар** осмони кабуд; **чархи барин** осмони баланд; **чархи миноӣ** осмони кабуд. 5. *маҷ.* гардиш; **чархи айём** гардиши рӯзгор, гузашти замон; **чархи қаҷрафтор** *маҷ.* дунёи ҷафопеша; **чархи фалак** а) гардиши рӯзгор; б) чархи калоне, ки ба гирдаш нишастгоҳҳо насб карда, бачаҳоро шинонда онро мегардонанд.

**ЧАРХА** چرخه 1. чарх. 2. чархи ресмонресӣ. 3. *бот.* гиёҳе, ки пояи борики ноустувор дорад; чарха, коснӣ.

**ЧАРХАГАРДОН** چرخه‌گردان дастаи чархи ресмонресӣ.

**ЧАРХАК** چرخک 1. *шакли тасғири* **чарх**. 2. чархҳои хурде, ки ҳаракати механизми соат ба туфайли ҳаракати онҳо сурат мегирад.

**ЧАРХАЛА** چرخله *бот.* гиёҳе, ки пояи борик дорад ва онро дар арабӣ шакоӣ меноманд; чарха, коснӣ.

**ЧАРХБОД** چرخباد 1. чархи сабуке, ки ба воситаи бод ба ҳаракат меояд. 2. гирдбод, боди бисёр шадид, ки дар худ мечархад, вочарха, сиклон.

**ЧАРХБОЛ** چرخبال навъе аз ҳавопаймои гирдбол, ки ҳангоми боло шудан ва фуруд омадан метавонад ба тариқи амудӣ парвоз кунад, вертолёт, ҳуликуптар.

**ЧАРХГАР** چرخگر филизтарош; он ки корду қайчӣ ва дигар асбобҳоро дар чарх тез мекунад, чархкор.

**ЧАРХГАРДОН** چرخگردان гардонандаи чарх, чизе, ки чархро мегардонад.

**ЧАРХДЕГ** چرخدیگ дастгоҳи хурди равған-кашӣ, ки бо нерӯи даст ба ҳаракат меояд.

**ЧАРХДОР** چرخدار дорои чарх 1.

**ЧАРХЗАН** چرخزن 1. гирд гардонда чархзанон. 2. рақскунон.

**ЧАРХЗАНӢ** چرخزنی чарх задан, тоб хӯрдан, гирд гаштан.

**ЧАРХЗАНОН** چرخزنان дар ҳолати чархидан, дар ҳолати рақс кардан.

**ЧАРХЗОНУ** چرخزانو бо зону чархидан (*дар вақти рақс*); **чархзону рафтан**.

**ЧАРХИДАН** چرخیدن чарх задан, гирд гаштан, давр задан.

**ЧАРХИНТАБАҚ** چرخینطبق *лаҳҷ.* табақи чинии калон.

**ЧАРХИОСИЁТАРОШӢ** چرخآسیاتراشی тарошидани чархи осиё, шуғли тарошандаи чархи осиё.

**ЧАРХИШ** چرخش чархзанӣ, чархидан.

**ЧАРХИШРАВОН** چرخشروان чархзанон.

**ЧАРХӢ** چرخی 1. ба шакли чарх, мудаввар ва гирда. 2. чархдошта, ба чарх шинондашуда; **трактори чархӣ**. 3. *кҳн.* тарзи махсуси бастани салла.

**ЧАРХКАШ** چرخکش он ки корду қайчӣ ва дигар асбобҳоро дар чарх тез мекунад, чархгар.

**ЧАРХКАШӢ** چرخکشی тез кардани корду қайчӣ ва дигар асбобҳо тавассути чарх, чархгарӣ.

**ЧАРХМОЛА** چرخماله молае, ки ҳаракаташ бо воситаи чарх аст.

**ЧАРХОБ** چرخاب гирдоб, чархе, ки тавассути нерӯи об ба ҳаракат меояд.

**ЧАРХОБА** چرخابه ҷои гирдоби дарё, гирдоб.

**ЧАРХОН(И)ДАН** چرخاندن//چرخانیدن чарх занондан, гирд гардондан, тоб хӯрондан (*чизеро монанди чарх*).

**ЧАРХОФАЛАК** چرخافلک чархи бузурге, ки бо нишастгоҳҳо таъмин гардида дар боғи истироҳат ва дигар маҳалҳои фароғатӣ гузошта мешавад ва мардум ба он бо мақсади истироҳат ва аз баландӣ назора кардани шаҳр истифода мебаранд.

**ЧАРХПОЯ** چرخپایه пояе, ки чархи ресмонресӣ бар вай шинонда шудааст.

**ЧАРХРЕСАК** چرخریسک *зоол.* парандаи хурди думаш борики дароз аз ҷинси гунҷишк, санговдавак, думҷунбон.

**ЧАРХРЕСӢ** چرخریسی ресидан дар чарх, ресидани калоба дар чарх.

**ЧАРХРИШТ** چرخرشت он чи ба чарх ришта шуда бошад; *муқ.* **дастришт**.

**ЧАРХСАНГ** چرخسنگ санг барои тезу бурро кардани корд, дос *ва г.,* қайроқ, санги фасон, қайроқсанг.

**ЧАРХСОЗ** چرخساز он ки чарх месозад, созандаи чарх.

**ЧАРХСОЗӢ** چرخسازی сохтани чарх, тайёр кардани чарх.

**ЧАРХУШТ** چرخشت зарф ё ҳавзи махсусе, ки дар он ангурро фушурда обашро мегиранд.

**ЧАРХЧӢ** چرخچی 1. он ки дар чарх корд ва монанди ин чизҳои теғдорро тез мекунад. 2. чархандоз.

**ЧАРХЧӮБ** چرخچوب дастгохи чӯбинест, ки барои ҷудо кардани равған аз анвои маҳсулоти ширӣ истифода мегардад.

**ЧАРЧИН** چرچین *ниг.* **чарчинворӣ**.

**ЧАРЧИНВОРӢ** چرچینواری молҳои ороишӣ ва дӯзандагӣ аз қабили тугма, шона, ҳамён *ва г.*: **молҳои чарчинворӣ**.

**ЧАРЧИНФУРӮШ** چرچینفروش он ки чарчинворӣ мефурӯшад, фурӯшандаи молҳои чарчинворӣ.

**ЧАРЧИНФУРӮШӢ** چرچینواری 1. фурӯхтани чарчинворӣ, савдо кардан бо молҳои чарчинворӣ. 2. фурӯшгоҳи чарчинворӣ.

**ЧАСАР-ЧУСУР** چسرچسر *калимаи тақлиди овоз, ки* садои сӯхтани ҳезуми хушк, доғ шудани равған ва монанди инҳоро ифода мекунад.

**ЧАСП** چسپ 1. часпидан, талош; часпу талош, дарафтодан бо якдигар, занозанӣ. 2. ширеш, модаи часпанда.

**ЧАСПАК** چسپک часпанда, ба чизи дигар зуд

пайвастшаванда; **лойи часпак**.

**ЧАСПАКӢ** چسپکی часпанда, часпак будан, хусусияти часпандагӣ доштан.

**ЧАСПАНДА** چسپنده *ниг.* **часпак**.

**ЧАСПИДА** چسپیده пайвастшуда, васлшуда.

**ЧАСПИДАН** چسپیدن 1. пайвастан (*як чиз ба чизи дигар ё ду чиз ба ҳамдигар*), муттасил шудан (*ду чиз ба ҳамдигар*), часпидани коғаз; **кана барин часпидан** сахт дошта гирифтан чизеро. 2. якҷоя шудан, омезиш ёфтан; **гӯшту нохун барин часпиданд.** 3. дошта гирифтан (чизеро), маҳкам доштан (касеро, чизеро); **бача ба модараш часпида гирифт**. 4. дарафтодан, ҳамла кардан, ҳуҷум кардан. 5. *маҷ.* муносиб омадан, зебидан; **ба кор часпидан** сахт аз паи иҷрои коре шудан; **пӯст рафта ба устухон часпидан** ниҳоят хароб ва лоғар будан.

**ЧАСПОН** I چسپان *ниг.* **часпак**.

**ЧАСПОН** II چسپان чаққон, ба ҳар кас ва ҳар чиз зуд унсгиранда.

**ЧАСПОН(И)ДАН** چسپاندن//چسپانیدن 1. бо ширеш ё бо чизи дигар чизеро ба чизи дигар ё ба ҷое пайвастан; **эълон часпондан**. 2. умуман, чизеро ба чизе пайваст кардан. 3. нисбат додан (*чизеро ба касе*), марбут сохтан: **ин гапро ба ӯ часпониданд**.

**ЧАСПОЧАСПӢ** چسپاچسپی афтударафт, часпу талош, занозанӣ.

**ЧАТАН** چتن *биол.* байни олати таносул ва маъқад.

**ЧАТМА** *ҳ.* چتمه милтиқҳои ба якдигар такя дода рост гузошта; **чатма бастан (кардан)** милтиқҳоро ба ҳам такя дода рост гузоштан.

**ЧАТР** چتر 1. обзоре, ки аз нури офтоб ва барфу борон муҳофизат мекунад, соябон. 2. офтобгир, сояафкан, пардаи сутундори болои сар, ки зераш менишинанд ё коре анҷом медиҳанд. 3. пардаи кушодашавандаи парашут. 4. *кит.* хайма, хиргоҳ.

**ЧАТРАК** I چترک *шакли тасғири* **чатр**; чатри хурд.

**ЧАТРАК** II چترک *бот.* номи гиёҳест табобатӣ, ки баргҳои хурди он буридагиҳои зиёд доранд; ғоғу.

**ЧАТРБОЗ** چترباز 1. он ки бо чатр бозиҳои гуногунро намоиш медиҳад; он ки бо чатри наҷот аз ҳавопаймо ва восилаи дигар фуруд меояд ва гоҳе дар осмон машқҳои намоишӣ анҷом медиҳад. 2. неруҳои ҳавобурди махсус, воҳиди низомии чатрбоз.

**ЧАТРБОЗӢ** چتربازی амал ва шуғли чатрсоз.

**ЧАТРДОР** چتردار касе, ки чатр дар даст дорад, он ки ба болои сари худ ва ё сари касе соябон нигоҳ медорад.

**ЧАТРДОРӢ** چترداری амали чатрдор, чатр дар даст доштан.

**ЧАТРӢ** چتری ба шакли чатр, чатршакл, нимдоира.

**ЧАТРКАШ** چترکش *ниг.* **чатрдор**.

**ЧАТРҚОҚУ** چترقاقو *бот.* растаниест аз ҷумлаи гулҳо, ки тохаш (гулаш) ба шакли чатр аст.

**ЧАТРМАН** چترمن дорандаи аломатҳои чатр аз аҳли салотин, аз ҷумлаи подшоҳон; чатрмон.

**ЧАТРМОН** چترمان *ниг.* **чатрман**.

**ЧАТРСОЗ** چترساز 1. он ки чатр месозад. 2. чатрдор, чатркаш.

**ЧАТРСОЗӢ** چترسازی 1. амал ва кори чатрсоз. 2. ҷои фурӯш ва таъмири чатрҳо.

**ЧАФСИДАН** چفسیدن *ниг.* **часпидан**.

**ЧАФТ** چفت *кит.* 1. чӯббанд, ҳавозае ки шохҳои токро ба болои он мегузоранд. 2. толор, иморате, ки аз чӯбу тахта сохта мешавад ва сақфаш хамидааст.

**ЧАФТА** چفته 1. хамида. 2. *ниг.* **чафт**. 3. тӯҳмат, бӯҳтон.

**чах** چخ *асоси замони ҳозира аз феъли* **чахидан**.

**ЧАХ** چخ 1. ғилофи корду шамшер. 2. ҷанг, тааддӣ, хусумат.

**ЧАХДЕГ** چخدیگ *ниг.* **чархдег**.

**ЧАХИДАН** چخیدن ҷангидан, ситеза кардан.

**ЧАХМОҚ** چخماق *гуфт.* 1. барқи абр, тироза, оташак, чароғак. 2. санге, ки бо он оташ мегиронданд, чақмоқ.

**ЧАХС** چخس *гуфт.* ҳезуммайда, чӯбчаву пара-ха; **чӯбу чахс**.

**ЧАХТ** چخت *лаҳҷ.* ҳалқаи чӯбин, ки ба як сари ресмони арғамчин барои маҳкам кашида бастани бор банд карда мешавад.

**ЧАХТАКПАЙ** چختکپی *лаҳҷ.* қапқон, дом.

**ЧАХЧӮБ** چخچوب чӯби асбоби равғанкашӣ, чӯби гуппӣ.

**ЧАҲ** چه *ниг.* **чоҳ**.

**ЧАҲКАН** چهکن *ниг.* **чоҳкан**.

**ЧАҲКАНӢ** چهکنی *ниг.* **чоҳканӣ**.

**ЧАҲОР** چهار ададӣ маълум, ки баъд аз се ва пеш аз панҷ меояд, чор.

**ЧАҲОРАСПА** چهاراسپه аробае, ки бо қувваи чор асп ҳаракт мекунад.

**ЧАҲОРБАР** چهاربر *ниг.* **чорпаҳлу**.

**ЧАҲОРБАРГА** چهاربرگه *бот.* дорои чаҳор барг.

**ЧАҲОРБОҒ** چهارباغ *ниг.* **чорбоғ**.

**ЧАҲОРГОНА** چهارگانه 1. аспи роҳвораи тез-қадам. 2. чаҳор унсур; **унсури чаҳоргона** (*об, оташ, хок, бод*).

**ЧАҲОРГОҲ** چهارگاه *ниг.* **чоргоҳ**.

**ЧАҲОРГӮША** چهارگوشه он чи дорои чаҳор гӯша бошад.

**ЧАҲОРГӮШАГӢ** چهارگوشگی дорои чаҳор гӯша будан.

**ЧАҲОРДАРА** چهاردره *ниг.* **чордара**; хонаи то-бистона дар байни боғ ё гулзор.

**ЧАҲОРДАҲСОЛА** چهارده ساله *ниг.* **чордаҳсола**.

**ЧАҲОРДАҲСОЛАГӢ** چهاردهسالگی *ниг.* **чордаҳ-сола**.

**ЧАҲОРДАҲУМ** چهاردهم *ниг.* **чордаҳум**.

**ЧАҲОРДАҲУМИН** چهاردهمین *ниг.* **чорда-ҳумин**.

**ЧАҲОРЗАРБ** چهارضرب *ниг.* **чорзарб**.

**ЧАҲОРЗОНУ** چهارزانو *ниг.* **чорзону**.

**ЧАҲОРКАСӢ** چهارکسی *ниг.* **чоркаса**.

**ЧАҲОРКИТОБ** چهارکتاب *ниг.* **чоркитоб**.

**ЧАҲОРКУНҶА** چهارکنجه *ниг.* **чоркунҷа**.

**ЧАҲОРҚАБАТА** چهارقبته *ниг.* **чорқабата**.

**ЧАҲОРМАВҶА** چهارموجه *кит.* гирдоб, варта.

**ЧАҲОРМАҒЗ** چهارمغز *ниг.* **чормағз**.

**ЧАҲОРМЕХ** چهارمیخ *таър.* чормех, як навъ ҷазо, ки дасту пойҳои гунаҳкорро мехкӯб мекарданд; **чаҳормех кардан** *киноя аз* куштан бо азоби сахт.

**ЧАҲОРОШЁНА** چهارآشیانه *ниг.* **чорошёна**.

**ЧАҲОРПАҲЛӮ** چهارپهلو *ниг.* **чорпаҳлӯ**.

**ЧАҲОРПО(Й)** چهارپا(ی) чорпо, чорво, ҳай-воне, ки чаҳор пой дорад, ҳамчун асп, гов, хар, шутур *ва г.*

**ЧАҲОРПОЯ** چهارپایه *ниг.* **чорпоя**.

**ЧАҲОРРАХА** چهاررخه *ниг.* **чорраха**.

**ЧАҲОРСАД** چهارصد *ниг.* **чорсад**.

**ЧАҲОРСАДУМ** چهارصدم *ниг.* **чорсадум**.

**ЧАҲОРСАДУМИН** چهارصدمین *ниг.* **чорса-думин**.

**ЧАҲОРСОАТА** چهارساعته *ниг.* **чорсоата**.

**ЧАҲОРСОАТӢ** چهارساعتی *ниг.* **чорсоатӣ**.

**ЧАҲОРСОЛА** چهارساله *ниг.* **чорсола**.

**ЧАҲОРСОЛАГӢ** چهارسالگی *ниг.* **чорсола**.

**ЧАҲОРСОЛИНА** چهارسالینه *ниг.* **чорсола**.

**ЧАҲОРСӮ** چهارسو *ниг.* **чорсӯй**.

**ЧАҲОРТАРАФА** چهارطرفه *ниг.* **чортарафа**.

**ЧАҲОРУМ** چهارم *ниг.* **чорум**.

**ЧАҲОРУМИН** چهارمین *ниг.* **чорумин**.

**ЧАҲОРЧАРХА** چهارچرخه *ниг.* **чорчарха**.

**ЧАҲОРЧӮБА** چهارچوبه *ниг.* **чорчӯба**.

**ЧАҲОРҶОНИБА** چهارجانبه *ниг.* **чортарафа**.

**ЧАҲОРШАНБЕ** چهارشنبه *ниг.* **чоршанбе**.

**ЧАҲОРШОХ** چهارشاخ *ниг.* **чоршох**.

**ЧАҲОРЯК** چهاریک *шумораи касрӣ* аз чаҳор як ҳиссаи чизе, чоряк.

**ЧАҲ-ЧАҲ** چهچه *калимаи тақлиди овоз, ки* хониши булбулро ифода мекунад; **чаҳ-чаҳ задан (кардан)** хониши булбул ва дигар

мурғони хушовоз.

**ЧАҲ-ЧАҲА** چه‌چهه *ниг.* **чаҳ-чаҳ**.

**ЧАШАНДА** چشنده касе, ки таом ё шаробро мечашад ва таъми онро муайян мекунад, чошнигир.

**ЧАШИДАН** چشیدن 1. барои донистани мазаи чизе аз он андак хӯрда дидан, мазаи таомро санҷидан. 2. андаке хӯрдан аз чизе. 3. *маҷ.* дидан, ҳис кардан, аз сар гузаронидан; **талху ширинии** *чизеро* **чашидан** неку бади чизеро дидан (*аз сар гузаронидан*), аз гармию сардии чизе огоҳ будан.

**ЧАШИЁӢ** چشیائی қувваи чашидан.

**ЧАШМ** چشم 1. узви биниш дар инсон ва ҳайвон; **чашм(он)и бодомӣ** чашми бодомшакл; **чашми тар** дидаи гирён; **чашми тира** чашми камнур ва хира; **чашм(он)и мешӣ** чашмони калон-калони сиёҳ; **чашмони шаҳло** чашми сиёҳи моил ба кабудӣ, ки бисёр зебо ҳисоб меёбад; **ба чашми мардум хуб намудан; пеши чашми…** дар назари…, дар мадди назари… 2. назар, нигоҳ. 3. *маҷ.* умед, интизорӣ. 4. ҳар паҳлуи хурҷин; ҳар қабати ҳамёни бисёрқабата. 5. сӯрохии баъзе чизҳо: **чашми сӯзан**, **чашми ғалбер; чашми дарахт (чӯб)** ҷои укдаи дарахт ва чӯб; **чашми бад** чашме, ки аз нигоҳаш озору нуқсон расида метавонад; ◊ **чашми бад дур**! иборае, ки барои чашми бад нарасидан гуфта мешавад, балову офат дур бод! **чашми бедор** чашми кушода ва ҳушёр; **чашми бино** чашми равшан ва ҳамабин; **чашми булбул** а) номи нақше дар ҳунари гулдӯзӣ; б) дараҷаи қиёми шираи ангур, ки ҷӯшида ҳубобҳои монанди чашми булбул пайдо мекунад; **чашми гурусна** ҳарис, носер; чашми гуруснаро хок ҳам сер карда наметавонад: *мақ.*; **чашми маст** а) чашми пурхумор; б) чашми шӯх; **чашми оташбор** чашми барқпош, чашми дурахшон; **чашми рӯз** *маҷ.* офтоб; **чашми пурбин** чашми дақиқнигоҳ, ҳақиқатбин; **чашми (пур) хумор** чашми хуморолуд, чашми пурноз; **чашми тамаъ** ҳарисӣ, тамаъкорӣ; **чашми танг** ҳарис, хасис, бахил; **чашми танги дунёдорро хоки гӯр пур мекунад** (*мақ.*); **чашми шутур** дараҷаи охирини қиёми шираи ангур, ки ҷӯшида, ҳубобҳои калон-калони монанди чашми шутур пайдо мекунад; **чашми ҷаҳонбин** чашми бино, чашми пурхирад; **чашми ҷоду** чашми пурафсун, чашми пурсеҳр, чашми зебо; **чашмони дурахшон** чашмони барқпош; **чашм(он)и меҳрангез** дидаи пурмеҳр, нигоҳи пурмеҳру муҳаббат; **чашмони пурандӯҳ** чашме, ки аз он осори ғаму андӯҳ пайдост; **чашмони оташбор** чашми дурахшон, чашми барқафшон; **чашмони шӯх** чашмони фаттон, ҷозибадор; **чашм(он)и ҳаросон** чашме, ки аз осори тарсу ҳарос пайдост; **имои чашм** ишора ба чашм; **нури чашм** *маҷ.* фарзанд; **ҳаққи чашм** миқдоре аз таом, ки барои шиносони тасодуфан ба сари таом ҳозир шуда дода мешавад; **ба чашм, болои чашм** дар мавриди қабул ва итоат ба гуфта ё супориши касе гӯянд, бо ҷону дил; **чашм аз нигоҳи** *касе* **гурезондан** кӯшидан барои ба нигоҳи он касе рӯбарӯ нашудан; **чашм ало кардан, чашм песондан** бад-бад нигоҳ кардан; **чашм андохтан (афкандан)** нигоҳ кардан; **чашм афтодан ба** *чизе, касе* дидан, дида мондан (чизе, касеро); **чашм ба замин (зер) дӯхтан** сархам нишастан, ба замин нигоҳ карда истодан (*аз рӯи эҳтиром, содир кардани гуноҳ, оҷиз омадан ва г.*); **чашм ба** *касе* **будан** ба касе умед бастан; **чашм ба косахонааш фурӯ рафтан** хароб, лоғар шудан (*аз беморӣ ва г.*); **чашм ба омадани** *касе* **дӯхтан** роҳи касеро поидан, сахт интизор шудан ба омадани касе; **чашм ба роҳ чор шудан** интизор шудан, сахт интизор ба омадани касе будан; **чашм ба роҳ дӯхтан** интизор шудан, раҳи касеро поида нишастан; **чашм барқ задан** дурахшидани чашм аз шодӣ; **чашм ба чашми** *касе* **афтидан** ба ҳам бархӯрдани нигоҳи ду кас; **чашм ба чашм шудан** рӯ ба рӯ шудан, нигоҳи ду кас рост омадан; **чашм** *ба чизе* **афтидан** чизеро ногоҳ дидан, ба чизе назар афкандан; **чашм ба як нуқта бастан (дӯхтан)** ба як нуқта бодиққат нигоҳ карда истодан; **чашм ба ҳар тараф давондан** ҳар тарафро як-як аз назар гузаронидан; **чашм ба ҷое афтидан** ногоҳ ба ҷое нигоҳ кардан; **чашм ба ҷояш афтидан** ҷазо дида, танбеҳ дида хатоеро ислоҳ кардан; **чашм бегона шудан** *аз чизе* аз чизи одаткарда дур шудани чашм, хато рафтани чашм; **чашм бечо шудан** а) бо назари дигар нигоҳ кардан, аз итоат берун рафтанӣ шудан; б)

тағйири ҳолати чашм аз ғазаб, хашм ё аз таъсири чизи дигар; **чашм давондан** дида баромадан, аз назар гузаронидан (*чизеро*); **чашм дар роҳ будан** интизор будан, раҳи касеро поидан; **чашм доштан** а) умед доштан, интизор доштан; б) тахмин кардан; **чашм дӯхтан** а) бодиққат нигоҳ кардан (ба чизе, ба касе); б) бо ғараз нигоҳ кардан, тамаъ доштан; **чашм заиф будан** чашм суст (хира) будан; **чашми бад расидан** захми чашм асар кардан, аз сабаби нигоҳи чашми ҳасад ба чизе расидани балову офат; **чашми дидан надоштан** хеле бад дидан, сахт нафрат доштан аз касе; **чашми** *касе* **ба хонааш афтодан** танбеҳ дида рафтору кирдори худро ислоҳ кардани касе; **чашми** *касе* **мош барин гардидан** *ниг.* **чашм мисли мош кушода шудан**; **чашми** *касеро* **бастан** касеро ба ғалат андохтан, касеро фиреб кардан; **чашми** *касеро* **ба хонааш фуровардан** ҷазо дода, ба итоат даровардан, адабашро додан; **чашми** *касеро* **во кардан** *ниг.* **чашми** *касеро* **кушодан; чашми** *касеро* **кофтан** *маҷ.* сахт рашк ва бахилӣ зоҳир намудан; **чашми** *касеро* **кушодан** касеро ҳушёр кардан, касеро омӯзондан; **чашми** *касеро* **тарсондан** ба ваҳму бим андохтан (касеро), ба тарс андохтан; **чашми** *касеро* **хато кардан** аз ғафлати касе истифода бурдан; **чашми** *касеро* **хато хӯрондан** *ниг.* **чашми** *касеро* **хато кардан; чашми** *касеро* **шира гирифтан (бастан)** ҳавобаланд шудан, мағрур гаштан, саргаранг шудан аз муваффақияте; **чашми** *касе* **танг будан** хасис будан; **чашми** *касе* **шудан** ба ҷои касе назорат карда истодан ба коре; **чашми корро донистан** қобилияти пеш бурдани корро доштан, дар кор таҷриба ва тахассус доштан; **чашми некӣ умед кардан** дар интизори некӣ будан; **чашми рӯз накафида** Офтоб набаромада, рӯз нашуда; **чашми рӯз кушода шудан** рӯз шудан, дамидани субҳ; **чашми тез доштан** борикбин (дурбин) будан; **чашми хат доштан** савод доштан, хондан ва навиштан тавонистан; **чашми худро ба чашми** *касе* **дӯхтан** ба чашмони касе мижа назада, нигоҳ кардан; **чашми ҳасад дӯхтан** бо ҳасад нигоҳ кардан; **чашм кандан аз** *чизе* нигоҳи худро гурезондан, қатъи назар кардан (*аз чизе*); **чашм канда шудан** сахт чашм дӯхтан ба роҳи касе, сахт интизорӣ кашидан; **кушода будани чашм** а) бедор будан; б) дар ҳаёт будан, зинда будан; **чашм кушодан** а) бедор шудан; б) арзи ҳастӣ кардан, ба дунё омадан; **чашм кушода шудан** ҳушёр шудан, некро аз бад фарқ кардан; **чашм кӯр шудан** нобино гаштан; **чашм мисли мош кушода шудан** аз ғафлат берун шуда, якбора огоҳ шудан аз моҳияти масъалае (*коре, ҳодисае*); **чашм нагузаштан** заиф шудани қувваи бинои, хира шудани чашм; **чашм нарасидан** бовар надоштан ба мумкин будани чизе; **чашм об додан** ба чизе нигоҳ карда лаззат бурдан, аз тамошои чизе кайф кардан; **чашм ошно намудан** шинос намудан, шинос будан; **чашм паридан** ҷастани пилкҳои чашм, ки дар урфият гӯё фоли нек ё бад аст; **чашм парондан** бо чашм ишора кардан; **чашм партофтан** лаҳзае нигоҳ кардан; **чашм песондан** *лаҳҷ.* чашм ало кардан; **чашм пухта шудан** чашм одат кардан, таҷриба ҳосил кардан, ба кор омӯхта шудан; **чашм пӯшида гузаштан** аҳамият надодан, сарфи назар кардан, нодида гирифтан; **чашм пӯшидан** а) хобидан, хуфтан, б) нодида гирифтан; **чашм пӯшидан аз дунё** мурдан; **чашм пӯшида шудан** хоб бурдан, хоб ғалаба кардан; **чашм пӯшидан аз** *чизе* ба чизе эътибор надодан, сарфи назар кардан аз чизе; **чашм равшан шудан** зоидан; **чашм расидан** *ниг.* **чашми бад расидан**; **чашмро бурдан** чашмро хира кардан (*рӯшноии баланд*); **чашмтанг будан** ҳарис будан, гурусначашм будан; **чашмро гармӣ бурдан** хоби сабук будан; **чашмро хира кардан** чашмро бурдан; **чашм роғ рафтан** чашм нимпӯш шудан; **чашм сер шудан** қонеъ шудан (*аз чизе*); **чашм сиёҳ рафтан (задан)** торик шудани пеши чашм аз таъсири хабари нохуш ва дард; **чашм чашмро надидан** ниҳоят торик будан; **чашм чор шудан** сахт интизор шудан; **аз таги чашм нигоҳ кардан** номаълум назар афгандан; **аз чашм гузарондан** дида баромадан, тафтиш кардан; **аз чашм гурезондан** а) надида мондан; б) ба қадри даркорӣ диққат накардан ба чизе; **аз чашм дур мондан** пинҳон мондан, номаълум мондан; **аз чашм дур накардан** ҳамеша дар пеши назар нигоҳ доштан (*касеро*); **аз чашм мондан** қобилияти дидан надоштан, нобино шудан; **аз чашм оташ боридан** хашмгин будан; **аз чашм пинҳон мондан** нонамоён мондан, маълум

нашудан; **аз чашм ғоиб шудан** нопадид гаштан, нонамоён шудан; **ба чашм вохӯрдан** дида шудан, намоён будан; **ба чашм гарм тофтан (намудан)** а) ба чашм шинос (барин) намудан; б) маъқул шудан, ба дида нишастан; **ба чашми кам дидан** ҳақир шуморидан, ба назари таҳқир нигоҳ кардан; **ба чашми** *касе* **хок пошидан** *касеро* фиреб кардан; **ба чашми худ бовар накардан** дар ниҳояти ҳайрат шудан, дида истода ба ҳақиқати он бовар надоштан; **ба чашм нанамудан** худро нишон надодан; **ба чашм расидан** дида шудан, ба нигоҳ бархӯрдан; **ба гӯшаи чашм дидан (нигоҳ кардан)** номаълум нигоҳ кардан; **бо чашми бад нигоҳ кардан** қасди бад кардан; **бо чашми душманӣ нигоҳ кардан** душманона муносибат кардан; **бо чашми умед нигоҳ кардан** умедвор шудан, умедворӣ зоҳир кардан; **бо чашми харидорӣ нигоҳ кардан** бо диққат, ҳаматарафа аз назар гузарондан чизеро; **бо чашми худ дидан** аниқ дидани худро таъкид кардан, худ нозири воқеа будан; **бо чашми ҳайрат нигаристан** бо таҳайюр нигоҳ кардан, ҳайрон шуда назар кардан; **бо қирраи чашм нигоҳ кардан** *ниг.* **бо гӯшаи чашм нигоҳ кардан**; **дар пеши чашм дидан** наздик тасаввур кардан, манзараеро пеши назар овардан; **дар як чашм задан** ниҳоят тез, да як лаҳза; **(ба) зери чашм гирифтан (кардан)** назорат кардан, таъқиб кардан рафтору кирдори касеро; **чашми гандум** чоке, ки дар донаи гандум ба назар мерасад.

**ЧАШМА** چشمه 1. обе, ки бо роҳи табиӣ аз зери замин ҷӯшида мебарояд, ҷои ҷӯшида баромадани об аз зери замин; **чашмаи маъданӣ** чашмаи оби маъдан; **чашмаи ҳайвон** *д.* мувофиқи таълимоти дини ислом чашмаи афсонавиест, ки Ҳазрати Хизр аз оби он нӯшида, умри абадӣ ёфтааст, чашмаи ҳаёт, чашмаи Хизр; **чашма барин ҷӯшида баромадан** фаровон ҷорӣ шудан. 2. *маҷ.* манбаъ, саргаҳ, ҷои пайдоиши чизе.

**ЧАШМАДОР** چشمه‌دار ҷое, ки чашма дорад, чашмасор.

**ЧАШМАК** چشمک 1. *шакли хурдӣ ва навозиши* **чашм**. 2. бо чашм имову ишора кардан, маънидорона бо чашм ишорат кардан; **чашмак задан** а) барои ифодаи ягон маънӣ (*хурсандӣ, қаноатманд, майлу ҳавас ва г.*) бо гӯшаи чашм ишорат кардан; б) милт-милт кардан, дурахшида намоён шудан; **чашмаки ман чашмаки ту** ба якдигар нигоҳ карда, гап назада нишастани ду кас; *киноя аз* бефаъолиятӣ.

**ЧАШМАКБОЗӢ** چشمکبازی бозие, ки дар он ду кас ба чашмони якдигар мижа назада, нигоҳ карда меистанд, ҳар кас мижа занад, мағлубшуда ҳисоб мешавад.

**ЧАШМАКДОР** چشمکدار 1. дорои сӯрохӣ ва равзана барои нигаристан: **дари чашмакдор**. 2. дорои гиреҳ ва нақс (*дар бораи чӯб*): **чӯби чашмакдор** тахта ё болоре, ки гиреҳ ё чашмаке дорад.

**ЧАШМАКЗАНӢ** چشمکزنی 1. чашмак задан, ишора кардан бо чашм. 2. милт-милт тофтан; **чашмакзании ситора** дурахшида намоён шудан (-и ситора).

**ЧАШМАКӢ** چشمکی имои чашм, ишора бо гӯшаи чашм; **чашмакӣ задан** бо гӯшаи чашм маънидорона ишора кардан.

**ЧАШМАЛО** چشملا алочашм, шокосачашм.

**ЧАШМАНДОЗ** چشمانداز доираи назар, масоҳате, ки чашм онро фаро гирифта метавонад; дурнамо, чашмафкан; манзара.

**ЧАШМАНДОЗӢ** چشماندازی биниш, дид, назар.

**ЧАШМАСОН** چشمه‌سان чашмавор.

**ЧАШМАСОР** چشمه‌سار ҷои серчашма, маҳалле, ки дар он чашма фаровон аст.

**ЧАШМБАНД I** چشمبند тӯр, бофтае аз мӯи думи асп, ки бо он занон рӯи худро мепӯшониданд; рӯйбанд, рӯйпӯш.

**ЧАШМБАНД II** چشمبند сеҳргар, найрангбоз; ҳилагар, фиребгар.

**ЧАШМБАНДАК** چشمبندک *ниг.* **чашмбандакбозӣ**.

**ЧАШМБАНДАКБОЗӢ** چشمبندکبازی бозиест байни тифлон, ки мувофиқи қоидаҳои он чашми яке аз кӯдакон мебанданд, то муддате, ки дигарон пинҳон мешаванд, сипас ин кӯдак чашмашро кушода ба ҷустуҷӯи дигарон мепардозад.

**ЧАШМБАНДӢ** چشمبندی ҷодугарӣ, найрангбозӣ, соҳирӣ; ҳилагарӣ, фиребгарӣ.

**ЧАШМБАНОМ//ЧАШМПАНОМ** چشم‌بنام//چشم‌پنام дуо ва тӯморе, ки барои дафъи захми чашм диҳанд; дуову тӯмори ботил гардонидани сеҳр; таъвиз, тӯмор.

**ЧАШМБАРОҲ** چشم‌براه интизор, мунтазир, нигарон; он ки нигарони омадани касе ё хабаре бошад.

**ЧАШМБАРОҲӢ** چشم‌براهی интизорӣ, нигаронӣ, мунтазир будан.

**ЧАШМБАСТА** چشم‌بسته 1. бо чашмони баста. 2. бетаҷриба, ҷоҳил, нодон.

**ЧАШМБЕҶО** چشم‌بیجا *маҷ.* бадният, бадкор.

**ЧАШМБИНО** چشم‌بینا 1. басир, дорои чашми солим; *муқоб.* **нобино**, **кӯр**. 2. дурбин; тезбин. 3. равшанбин, дурнигар, оқибатбин.

**ЧАШМБОДОМ** چشم‌بادام бодомчашм, зебочашм.

**ЧАШМБОЗ** چشم‌باز чашмкушода; *муқоб.* **чашмбаста**.

**ЧАШМГАШТА** چشم‌گشته каҷназар, каҷбин, аҳвал, олус.

**ЧАШМГУРУСНА** چشم‌گرسنه гурусначашм, тамаъкор, ҳариси ҳар чиз, носер; *муқоб.* **чашмсер**.

**ЧАШМГУРУСНАГӢ** چشم‌گرسنگی тамаъкорӣ, носерӣ, ҳарисии аз ҳад зиёд; *муқоб.* **чашмсерӣ**.

**ЧАШМГУШНА** چشم‌گشنه *ниг.* **чашмгурусна**.

**ЧАШМГУШНАГӢ** چشم‌گشنگی *ниг.* **чашмгуруснагӣ**.

**ЧАШМДАРД** چشم‌درد дарди чашм, бемории чашм.

**ЧАШМДАРИДА** چشم‌دریده 1. интизоршуда, интизорикашида. 2. *маҷ.* бешарм, беҳаё, беадаб. 3. густох, шӯхчашм..

**ЧАШМДИД** چشم‌دید 1. дидашуда, пеш аз ин дидашуда, шинос: **одами чашмдид, чашмдид будан**. 2. тахминан муайян кардан бо чашм; тахмин бо нигоҳ. 3. намоён, дидашаванда.

**ЧАШМДОР** چشم‌دار 1. бочашм, соҳибчашм. 2. мунтазир, интизор, умедвор; **чашмдор будан** мунтазир будан; **чашмдор шудан** мунтазир шудан. 3. одами чашмбеҷо, бадчашм. 4. касе, ки хавфи захми чашм кардан дорад.

**ЧАШМДОРӢ** چشم‌داری мунтазирӣ, интизорӣ.

**ЧАШМДОШТ** چشم‌داشت 1. интизорӣ; умедворӣ, мунтазир будан ба чизе. 2. пиндошт, тахмин; **бар хилофи (акси) чашмдошт**… бар хилофи он чи интизор мерафт…, бар акси он чи тахмин карда мешуд….

**ЧАШМЗАД** چشم‌زد 1. лаҳза, андак вақт; **як чашмзад** як лаҳза, як дам. 2. чашмрасида, захми чашмрасида, чашми бад расида.

**ЧАШМЗАДА** چشم‌زده 1. чашмрасида, захми чашм хӯрда. 2. маъюс, ноумед.

**ЧАШМЗАН** چشم‌زن 1. чашмрасонанда, он ки ба касе ё чизе захми чашм расонад. 2. доруи чашм, қатраҳое, ки ба чашм мечаконанд.

**ЧАШМЗАНӢ** چشم‌زنی 1. мижа ба ҳам задан. 2. мамониат кардан, манъ кардан.

**ЧАШМЗАХМ** چشم‌زخم чашмрасӣ, расидани чашми бад.

**ЧАШМИКОРДОН** چشم‌کاردان донандаи кор, таҷрибадор: **одами чашмикордон**.

**ЧАШМИМУРҒӢ** چشم‌مرغی монанд ба чашми мурғ, хурд-хурд.

**ЧАШМКАБУД** چشم‌کبود дорои чашми кабуд, кабудчашм.

**ЧАШМКАЛОН** چشم‌کلان дорои чашми калон, он ки чашми калон-калон дорад.

**ЧАШМКАҶ** چشم‌کج дорои чашми каҷ, олус.

**ЧАШМКУШОДА** چشم‌کشاده *маҷ.* он ки неку бадро дидааст ва медонад, таҷрибадор, ботаҷриба.

**ЧАШМНАДИДА** چشم‌ندیده чизе, ки онро чашм ҳаргиз надидааст, ғайримуқаррарӣ.

**ЧАШМНАМО** چشم‌نما *ниг.* **чашмдид**.

**ЧАШМНАМОӢ** چشم‌نمائی *киноя аз* таҳдид, изҳори хашму норизоӣ.

**ЧАШМНОГУЗАР** چشم‌ناگذر нодиданӣ, ниҳоят торик, ноаён, нонамоён: **торикии чашмногузар**.

**ЧАШМНОК** چشم‌ناک 1. он чи чашм дорад. 2. он чи гиреҳ ва ӯқда дорад.

**ЧАШМОЛУС** چشمآلوس *ниг.* **чашмалус**.

**ЧАШМПИЗИШК** چشمپزشک *тиб.* духтури чашм; пизишки чашм, офталмолог, окулист.

**ЧАШМПИЗИШКӢ** چشمپزشکی 1. *тиб.* пажӯҳиш ва табобати бемориҳои чашм, машғул будан бо табобати чашми беморон; офталмология. 2. дармонгоҳи чашм.

**ЧАШМПӮШ** چشمپوش 1. ғамзагар; беэътино, бепарво. 2. авфкунанда, бахшанда, гузашткунанда.

**ЧАШМПӮШӢ** چشمپوشی 1. чашм пӯшидан. 2. нодида ангоштан, мисли нодида гузаштан.

**ЧАШМРАС** چشمرس дидашаванда, ба чашм намоён.

**ЧАШМРАСИДА** چشمرسیده аз захми чашм зарардида, чашмкарда.

**ЧАШМСЕР** چشمسیر қонеъ, қаноатманд; *муқоб.* **чашмгурусна**.

**ЧАШМСЕРӢ** چشمسیری қаноатмандӣ, қонеъ будан; *муқоб.* **чашмгуруснагӣ**.

**ЧАШМСИЁҲ** چشمسیاه он ки дорои чашмони сиёҳ аст, сиёҳчашм, соҳиби чашмони сиёҳ.

**ЧАШМТАНГ** چشمتنگ 1. сохти чашмонаш танг, тангчашм. 2. *маҷ.* хасис, чашмгурусна, бахил.

**ЧАШМТАНГӢ** چشمتنگی 1. тангчашм будан. 2. *маҷ.* хасисӣ, чашмгуруснагӣ, бахилӣ.

**ЧАШМТАР** چشمتر гирён, ашкрез, бо чашми ашкбор.

**ЧАШМТЕЗ** چشمتیز тезчашм, дорои чашмони дақиқбин.

**ЧАШМХАРОШ** چشمخراش ранге, ки ба чашм таъсири ногувор мерасонад; рангҳои баланди ногувор; *муқ.* **гӯшхарош**.

**ЧАШМХИРАКУНАНДА** چشمخیرهکننده чашмбаранда, чашмгир (нур).

**ЧАШМХОНА** چشمخانه косахонаи чашм.

**ЧАШМЧУҚУР** چشمچقور дорои чашмони фурӯрафта.

**ЧАШМШАҲЛО** چشمشهلا шаҳлочашм, он ки чашми зебои дилфиреб дорад.

**ЧАШОН(И)ДАН** چشاندن//چشانیدن аз чизе андак нӯшонидан ё хӯрондан барои донистани мазаи он.

**ЧЕВАР** چیور 1. дӯзанда. 2. шахси моҳир дар кори дӯзандагӣ ва кашидадӯзӣ.

**ЧЕВАРА** چیوره *гуфт.* фарзанди абера нисбат ба бобо ва модаркалон, *ниг.* **чабера**.

**ЧЕВАРӢ** چیوری 1. соҳибмаҳорат будан дар кори дӯзандагӣ. 2. дӯзандагӣ, кашидадӯзӣ: **маҳфили чеварӣ, касби чеварӣ**.

**ЧЕҒ//ЧИҒ** چیغ навъе аз бурё, ки дар он навда ё най бо ресмонҳо ба ҳамдигар зич пайванд карда мешавад ва ҳамчун парда дар пеши хонаҳо ва айвонҳо гузошта мешаванд.

**ЧЕҒӢ** چیغی як навъи матои раҳ–раҳи дуранг.

**ЧЕК** *англ.* چک 1. ҳуҷҷате, ки барои пул гирифтан аз банк ва хазина аз тарафи маблағгузор навишта мешавад: **чеки пулгирӣ**. 2. ҳуҷҷате, ки барои арзиши муайяни ягон хизмат ба ивази пул дода мешавад: **чеки бозор, чеки тарозу дар бозор**.

**ЧЕКАНА** *р.* چکنه *кишов.* бурида гирифтани нуги навда ва растаниҳо, бо мақсади бештар ба ҳосил равона кардани қувва: **чеканаи пахта, чекана кардан**.

**ЧЕКИСТ** *р.* چکیست *таър.* ходими чека, корманди хадамоти амниятии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ.

**ЧЕЛОН** I چیلان 1. дарахти хордор, ки меваащ ба санҷид монанд аст. 2. меваи ин дарахт, унноб.

**ЧЕЛОН** II چیلان асбобҳои хурди оҳанӣ аз қабили занҷиру зулфин, ҳалқа *ва г.*

**ЧЕЛОНГАР** چیلانگر устои оҳангар, ки асбобҳои майдаи оҳанӣ месозад.

**ЧЕЛОНГАРӢ** چیلانگری *мансуб ба* **челонгар**: **устохонаи челонгарӣ, асбобҳои челонгарӣ, корхонаи челонгарӣ, коргоҳи челонгарӣ, касби челонгар**.

**ЧЕМПИОН** *англ.* چمپئان *кҳн.* 1. варзишгаре, ки ғолиби мусобиқа гаштааст; қаҳрамони мусобиқа. 2. дастаи варзишӣ, ки дар мусобиқа ҷои якумро гирифта аст; дастаи қаҳрамони мусобиқа.

**ЧЕМПИОНАТ** *англ.* چمپئانت мусобиқа ё

қувваозмоӣ барои муайян кардани ғолибон дар ягон намуди варзиш.

**ЧЕН** چن *гуфт.* андоза, миқёс, (барои муайян кардани дарозӣ, масофа ва ҳаҷми чизе); **чен кардан** андоза кардан: **ҳафт бор чен куну як бор бур** (*мақ.*).

**ЧЕНАК** چنک воҳиди андоза ва қиёси чизҳо; воҳиди андозаи дарозӣ ё ҳаҷми чизе.

**ЧЕНКУНАК** چنکنک 1. *тех.* андозагир. 2. андоза.

**ЧЕНКУНӢ** چنکنی андозагирӣ; муайян кардани андозаҳо ё нишондодҳо.

**ЧЕР//ЧЕРА** چیر // چیره *ниг.* **чира**.

**ЧЕРВОНЕС** *р.* چروانس 1. тангаи тиллои русӣ бо арзиши 3,5 ва 10 рубл дар давраҳои гуногун. 2. дар Иттиҳоди Шӯравӣ дар солҳои 1922–1947 пули коғазии арзишаш ба даҳ сӯм баробар.

**ЧЕСУЧА** *кит.* چسوچه навъи матои сафеди зардчатоби абрешимӣ.

**ЧЕТ** چت *гуфт.* 1. канор, паҳлӯ. 2. дур. 3. дурдаст, канорӣ.

**ЧЕТГИР** چتگیر 1. касе, ки худро канор мегирад, гӯшанишин, канoранишин. 2. човандозе, ки дар канор истода лаҳзаи мувофиқро интизор мешавад ва ҷасади бузро аз дигар бозингар кашида гирифта ба марра мерасонад.

**ЧЕТКАШ** چتکش *ниг.* **четгир**.

**ЧЕХ** چخ номи яке аз халқҳои славянӣ, ки бештар сокини Ҷумҳурии Чехия мебошанд.

**ЧЕХӢ** چخی 1. *мансуб ба* **Чехия**. 2. *мансуб ба* **чехҳо**; **забони чехӣ** яке аз забонҳои оилаи ҳинду аврупоӣ, ки бо он намояндагони миллати чех ҳарф мезананд.

**ЧЕҲР** چهر *ниг.* **чеҳра**.

**ЧЕҲРА** چهره рӯй, рухсор, лиқо, ораз, симо: **чеҳраи гандумгун, чеҳраи зебо, чеҳраи сафед, чеҳраи сиёҳчатоб, чеҳраи хандон; чеҳраи гарм** рӯи писандида, рӯи зебо ва дилкаш; **бо чеҳраи кушод(а)** бо рӯи хандон, хушҳолона; **чеҳраи** *касе* **кушода шудан** табъи касе хуш гардидан, хушҳол гардидан; **чеҳраи** *касе* **равшан гардидан** хушҳол шудан, шод гаштани касе; **чеҳраи** *касе* **гирифтан** андӯҳгин шудан; **чеҳра кушодан (намудан)** рӯй нишон додан, намоён гаштан.

**ЧЕҲРААФРӮЗӢ** چهره‌افروزی *кит.* нурпошӣ, нурафрӯзӣ; равшан кардан.

**ЧЕҲРАГАРМ** چهره‌گرم рӯйгарм, гармрӯй, писандидарӯй, ситорагарм, зебо: **одами чеҳрагарм**.

**ЧЕҲРАГУЛГУН** چهره‌گلگون рӯсурх, зеборӯй, соҳибҷамол, сурхинарӯй.

**ЧЕҲРАГУЛНОР** چهره‌گلنار сурхрӯй, шукуфтарӯй, дорои чеҳраи, дорои чеҳраи ба сони гули анор.

**ЧЕҲРАКУШОДА** چهره‌کشاده хандонрӯй, кушодарӯй, хушмуомила.

**ЧЕҲРАОРО** چهره‌آرا зинатдиҳанда, ороишгар.

**ЧЕҲРАПАРДОЗ** چهره‌پرداز 1. наққош, суратгар. 2. он ки дар театр чеҳра ва рӯйи ҳунарваронро оро медиҳад ва ба сурати нақшҳо мувофиқ мегардонад, чеҳрасоз. 3. нависандае, ки чеҳраҳоро хеле хуб тавсиф мекунад, офарандаи чеҳраҳои хуб.

**ЧЕҲРАПАРДОЗӢ** چهره‌پردازی 1. суратгарӣ, наққошӣ, рассомӣ. 2. чеҳрасозӣ, мувофиқ кардани чеҳраи ҳунарпеша ба чеҳраи нақши бозикардаи ӯ. 3. тавсиф, тавсифи чеҳраи қаҳрамонон аз тарафи нависанда.

**ЧЕҲРАХАНДОН** چهره‌خندان хандонрӯй, чеҳракушод, хушҳол.

**ЧЕЧАК** چیچک *гуфт., ниг.* **нағзак**.

**ЧИ** I چه *пайвандак* паи ҳам омада, баробариро ифода мекунад: чи… чи… ҳам… ҳам…, хоҳ… хоҳ…: **чи дар шаҳр, чи дар қишлоқ, чи дар кор, чи дар хона**.

**ЧИ** II چه кӯтоҳшудаи **чиз**; **ҳар чи** ҳар чиз; **ҳеҷ чи** *гуфт.* ҳеҷ чиз; ҳеҷ чи нагуфт; чиҳо чигуна, чизҳо.

**ЧИГИЛ** چگل 1. ба ҳам печида, печ дар печ, гиреҳ дар гиреҳ, бетартиб ва бесару нӯг (*мас., ришта, мӯй ва г.*). 2. *маҷ.* печ дар печ, мушкил, ба ҳам омехта, саргумшуда. 3. гил, лой, лаҷан; **чигили** *чизеро* **кушодан** гиреҳ ва банд аз коре (масъалае) боз кардан, бесару нӯгии кореро бартараф кардан; **чигил кардан** печ дар печ гардонидан, саргум

кардан; **чигил шудан** бесару нӯг гаштан, печ дар печ шудан, мушкил гаштан; **ба чигил андохтан** саргум гардонидан, печ дар печ сохтан.

**ЧИГИЛӢ** چگلی бесару нӯг будан, печдарпечӣ, саргумӣ, номафҳумӣ, мушкилӣ.

**ЧИГИЛШУДА** چگلشده бесару нӯгшуда, дарҳамшуда, сару нӯг надошта, мураккабшуда.

**ЧИГИНА** چگینه навъи воситаи нақлиёти чанамонанд, ки дар деҳот бо он ғаллаи нокӯфта ё коҳу хошок мекашонанд.

**ЧИГИНАКАШ** چگینه‌کش касе, ки чигинаро идора мекунад, ронандаи чигина.

**ЧИГИНАКАШӢ** چگینه‌کشی чигина кашидан, чиз кашондан бо чигина.

**ЧИГИТ** چگت тухми пахта, пунбадона; **чигит коштан**.

**ЧИГӢ-ЧИГӢ** چگی‌چگی *калимаи такрор*, ки барои ҷеғ задани буз истифода мешавад.

**ЧИГУНАГӢ** چگونگی 1. кайфият, чунӣ, чи хел будан, чи тавр будан; *муқоб.* **камият**. 2. вазъият, ҳолат. 3. шарҳу тафсир, тавзеҳ. 4. ҳақиқат, баёни воқеият.

**ЧИҒ** چیغ 1. найи борик. 2. чизи бурёмонанде, ки аз найи борик ё навдаҳои нозук мебофанд ва барои фарш ва ё иҳота кардани ҷое истифода мекунанд, шиғ.

**ЧИҒАЗАН** چیغه‌زن 1. диловар, ҷасур. 2. ҷанговар, набарда, касе, ки ҳариф ба набард даъват мекунад; *ниг.* **ҷеғ**, **ҷеға**.

**ЧИҒБОФ** چیغباف касе, ки ба бофидани бӯрё аз чиғ машғул аст.

**ЧИҒБОФӢ** چیغبافی шуғли бӯрёбофӣ, ба бофидани бӯрё машғул будан.

**ЧИҒИЛ** I چغل гилу лой; реги дурушт, реги сурхи калон-калон; чагал, шағал.

**ЧИҒИЛ** II چغل ғалбери калонсӯрох, ки бештар бо вай рег мебезанд.

**ЧИҒИР** I چغر чархи калони ба гирдаш зарфҳо (дӯлчаҳо) басташуда, ки бо он аз наҳр ё ҷӯйҳои калон об мебароранд.

**ЧИҒИР** II چغر ғавғо, доду фарёд, сару садо.

**ЧИҒИР** III چغر 1. гӯшти сахти серрагу пай. 2. хӯрдание, ки сахт ва ғайри қобили хоидан аст. 3. номи гиёҳест биёбонӣ.

**ЧИҒПАРДА** چغپرده пардае, ки аз чиғ сохтаву овехта шудааст.

**ЧИДА** چیده 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **чидан**. 2. *грам.* ҳамвазифа, якхела: **аъзои чидаи ҷумла**. 3. *маҷ.* баргузида, хоста, интихобшуда, сара. 4. ороста ба назму тартиби хос. 5. ғуншуда, ҷамъшуда; фароҳамомада.

**ЧИДААЪЗО** چیده‌اعضا *грам.* ҷумлае, ки аъзои ҳамгунаш паи ҳам омадаанд: **ҷумлаи чидааъзо**.

**ЧИДАН** چیدن 1. як-як канда гирифтан, кандан; гул чидан. 2. якто-якто гирифтан, якто-якто ҷамъ кардан, чиндан. 3. ҷамъ кардан: **пахта чидан**. 4. ба тартиб андохтан қатор карда ё болои ҳам бо тартиб гузоштан; **чида гирифтан** ҷамъ кардан, ғун карда (*чизҳои парокандаро*), интихоб карда гирифтан; **чида шудан** ба тартиб гузошта шудан, чоп шудан. 5. оростан, ба назму тартиб овардан; **рӯфтаву чида** рӯфта ва ба тартиб андохташуда. 6. гирифтан, ҳосил кардан; **чидани нонреза аз дастурхони** *касе маҷ.* баҳра бурдан аз касе, резахӯри касе будан; **чида-чида** а) дар ҳолати чидан (чизеро); б) якто-якто, оҳиста-оҳиста, интихобан. 7. паҳлуи ҳам гузоштани ҳарфҳо дар матбаа, дастгоҳи чоп ва ё компютер; навиштани калима ва матн бо роҳи ҳуруфчинӣ.

**ЧИЗ** I چیز он чи вуҷуд дорад ва мавҷуд аст, шайъ, ашё, предмет; падида, мавҷуд.

**ЧИЗ** II چیز 1. мол, сарват, доройӣ, молу мулк, хоста. 2. ҳар ҷисми беҷон; **чизу чора** асбобу анҷом, масолеҳи даркорӣ; **як чиз** предмети номуайян; **як чиз як чиз** чизҳои ҷудогона, чизҳои гуногун, чизе; **ҳама чиз** ҳама, беистисно, ҳар он чи буд ё ҳаст; **аз ҳеҷ чиз камбудӣ надоштан** ҳама чиз доштан, эҳтиёҷе надоштан; **ба назар ҳеҷ чиз нанамудан** аз паи фикре шуда, ба чизе аҳамият надодан; **ба ҳеҷ чиз мӯҳтоҷ набудан** эҳтиёҷе надоштан; **кам-кам чиз хӯрдан** андак-андак хӯрок хӯрдан; **ягон чиз шудан** қадр пайдо кардан; **чизе** а) як чизи номуайян; б) он чи ки ҳаст, ҳар он чи…; в) ягон чиз, ҳеҷ чиз; чизе нафаҳмид; г) қадаре, андаке, як миқдор; **чизе ки**… он чи ки; **ба**

*чизе* ба ягон чиз; **ҳар** *чизе* ҳар он чӣ; чизе гуфтан гап задан, ҳарфе гуфтан. 3. кас, шахс.

**ЧИЗА** چیزه асбоби мӯчинии занона, мӯчинак, миқшата.

**ЧИЗДОР** چیزدار сарватманд, доро, давлатманд, тавонгар, бой.

**ЧИЗКАШОНӢ** چیزکشانی аз ҷое ба ҷои дигар бурдани молу ашё, интиқоли бор.

**ЧИЗОМӮЗӢ** چیزآموزی омӯхтани ягон чиз, ёд гирифтан, аз худ кардани чизе.

**ЧИЗПАРАСТ** چیزپرست 1. он ки ҳамеша дар ҳавову ҳаваси молу мулк аст. 2. хасис, ҳарис, чашмтанг, носер.

**ЧИЗПАРАСТӢ** چیزپرستی 1. ҳамеша дар ҳавову ҳаваси молу сарват будан. 2. хасисӣ, ҳарисӣ, чашмтангӣ, носерӣ.

**ЧИЗУ** چیزو хорпушт; хорпушти калон.

**ЧИККА** چکه *гуфт.* тарафи фурӯхамидаи буҷул, ки дар вақти бозӣ бурдро ифода мекунад; *муқоб.* **пукка**.

**ЧИКОРА** چکاره бо шуғле ва коре машғул будани касе.

**ЧИК-ЧИК** چکچک *калимаи тақлиди овоз*, ки садои қатра-қатра чакидани об ё гаштани раққосаки соатро ифода мекунад.

**ЧИҚИЛ** چقل *ниг.* **чиғил** I.

**ЧИҚ-ЧИҚ** چقچق садои ба ҳам бархӯрдани ду зарфи чинӣ, ҳаракати раққосаки соат ва монанди инҳо.

**ЧИЛ** چل 1. адади маълум, ду карат бист, чиҳил; **ба чил гӯлах оташ сар додан** ниҳоят бадкор ва бадамал будан. 2. маросими ёдбуд ва талаби омӯрзиш, ки рӯзи чилуми марги касе барпо карда мешавад; **чил додан** маросими рӯзи чилуми марҳумро қайд кардан.

**ЧИЛ(Л)А** I چله 1. муддати чил рӯзи баъд аз таваллуд барои зан ва кӯдаки навзод, чил рӯзи навхонадорон баъди арӯсӣ, ки ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ҳам аз нигоҳи рӯҳонӣ давраи хатарнок ҳисобида мешавад. 2. муддати чил рӯзе, ки дарвешон гӯшанишинӣ мекунанд ва ба тоату ибодат машғул мебошанд; муддати чил рӯзе, ки сӯфиён тарки нафсоният менамоянд ва риёзату машаққат ихтиёр мекунанд; **чилла нишастан** а) чил рӯз гӯшанишин будан ва ибодат кардан; б) гӯшанишин шудан, аз одамон канораҷӯӣ кардан. 3. чиҳилумин рӯз баъди вафоти шахсе, ки дар ин рӯз барои талаби омурзиши ӯ маросиме барпо кунанд.

**ЧИЛ(Л)А** II چله қисме аз фасли зимистон ва ё тобистон аст, ки чил рӯзи мобайнии онро дар бар мегирад; **чиллаи зимистон** а) фосилаи чилрӯзаи зимистон, ки айёми сардтарини ин фасл буда, аз 25 декабр оғоз меёбад ва тақрибан то аввали моҳи феврал давом мекунад; б) *маҷ.* давраи сардиҳои зимистон; **чиллаи тобистон** а) фосилаи чилрӯзаи тобистон, ки айёми гармтарини ин фасл буда, аз 25 июн то аввали моҳи август давом мекунд; б) *маҷ.* давраи гармиҳои шадиди тобистон; **чиллаи калон** *ниг.* **чиллаи зимистон; чиллаи хурд** давраи бистрӯзаи хунукиҳои сахттарин, ки ба ду даҳаи аввали моҳи феврал рост меояд.

**ЧИЛ(Л)А** III چله *боф.* 1. кулӯлаи асосии абрешим, ки аз он торҳо ресида мешаванд, торҳои барои бофтан тайёр шуда дар шоҳибофӣ. 2. торҳои аз бофт боқимондаи бофандагӣ.

**ЧИЛ(Л)А** IV چله зеҳи камон, ресмони камон; **чилла афшондан** зеҳи онро ба ҳаракат даровардан ва такон додан; чиллаи камонро кашидан ва раҳо кардан.

**ЧИЛАВ** چلو навъе аз палав.

**ЧИЛАВКАБОБ** چلوکباب чалаве, ки бо кабоб ва равғани маска мехӯранд.

**ЧИЛ(Л)АНИШИН** چله‌نشین он ки чил рӯз нишаста ба тоату ибодат машғул мешавад; он ки чил рӯз аз дигарон дурӣ меҷӯяд, махсусан зани зоида ва навхонадорон.

**ЧИЛ(Л)АНИШИНӢ** چله‌نشینی чил нишастан, чил рӯз гӯшанишинӣ ихтиёр кардан; ибодат кардан, риёзат кашидан.

**ЧИЛБАНД** چلبند 1. *ниг.* **чилбуғум**. 2. либоси раққосони лӯлӣ, ки чинҳои домани он ба рангҳои мухталиф ба зери якдигар аст.

**ЧИЛБУҒУМ** چلبغم *бот.* навъи растании бегули пулакчабарг.

**ЧИЛБУР** چلبر арғамчини бориктари бештар аз пашм ресидашуда, расан, ресмон.

**ЧИЛГАЗА** چل‌گزه баландӣ ё дарозо ба андозаи чил газ (*як газ тақрибан муодили як метр аст*).

**ЧИЛГАЗАМӮЙ** چلگزه‌موی духтари дорои гесувони дароз, мӯйдароз.

**ЧИЛҒӮЗА** چلغوزه 1. меваи дарахти санавбар; мевае ба монанди писта; чалғӯза. 2. дарахти санавбар, ки ба сабаби фаровон будани ғӯзааш онро чилғӯза гуфтаанд.

**ЧИЛДАРА** چلدره минтақаи кӯҳистон, ки дар он дараҳои танги кӯҳӣ зиёд аст.

**ЧИЛДАРАЧАГӢ** چلدرجگی ба андозаи чил дараҷа; **гармии чилдараҷагӣ** гармие, ки ба чил дараҷа баробар аст.

**ЧИЛДУРӮҒ** چل‌دروغ он ки бисёр дурӯғ мегӯяд; дурӯғгӯи гузаро, каззоб.

**ЧИЛДУХТАРОН** چل‌دختران *афсонавӣ* 1. гурӯҳи духтарони зебо, ки чил нафар будаанд. 2. номи мавзеъ.

**ЧИЛЁСИН** چل‌یاسین *д.* чил бор хондани сураи «Ёсин» аз Қуръон аз тарафи як ё чанд кас.

**ЧИЛ(Л)ИК I** چلک *лаҳҷ., ниг.* **ангуша**.

**ЧИЛИМ** چلیم асбоби найнӯли сархонадор, ки дар дарунаш об андохта, дар сархонааш тамоку даргиронда, аз нӯлаш мекашанд.

**ЧИЛИМАНДОЗ** چلم‌انداز он ки чилимро барои кашидан омода мекунад, чилимдор.

**ЧИЛИМДОР** چلم‌دار *ниг.* **чилимандоз**.

**ЧИЛИМКАДУ** چلم‌کدو кадуи пӯсташ сахт, ки барои сохтани ҳар гуна зарф истифода мебаранд.

**ЧИЛИМКАШ** چلم‌کش он ки чилим мекашад, кашандаи чилим.

**ЧИЛИМКАШӢ** چلم‌کشی 1. амали кашидани чилим, қалёнкашӣ. 2. ҷой ва макони чилимкашӣ.

**ЧИЛКОКУЛ** چل‌کاکل дорои мӯи бофтаи зиёд (*сифати духтар*).

**ЧИЛКОФХОН** چل‌کافخوان *кҳн.* он ки чилкоф мехонад, соҳири деву аҷинаҳо.

**ЧИЛЛАГИЁҲ** چلّه‌گیاه *ниг.* **чил(л)адору**.

**ЧИЛЛАГӢ** چلّگی навъе аз ангур, ки дар чиллаи тобистон мепазад.

**ЧИЛЛАГУРЕЗОН** چله‌گریزان маросими ба хонаи яке аз хешу таборон бурдани тифли навзод ба муносибати чилрӯзагии ӯ.

**ЧИЛЛАДОРУ** چلّه‌دارو *бот.* як навъ растании шифобахш.

**ЧИЛЛАК** چلّک *ниг.* **аққол**.

**ЧИЛЛАКБОЗӢ** چلّک‌بازی *ниг.* **аққолбозӣ**.

**ЧИЛЛАНИШИН** چلّه‌نشین *ниг.* **чил(л)анишин**.

**ЧИЛЛАНИШИНӢ** چلّه‌نشینی *ниг.* **чил(л)анишинӣ**.

**ЧИЛЛАНОК** چلّه‌ناک ҳанӯз чил рӯзаш нагузашта (*арӯс баъд аз никоҳ ё тифли навзод*).

**ЧИЛЛАОБ** چلّه‌آب обе, ки дар чиллаи зимистон ба замин мемонанд: **чиллаоб додан** бо оби чилла замин обёрӣ кардан.

**ЧИЛЛАПЕЧ** چلّه‌پیچ *боф.* чӯбе, ки торҳои барои бофтан тайёршудаи абрешим ба вай печонида шудааст.

**ЧИЛЛАХОНА** چلّه‌خانه хонае, ки дар он ба чилла нишаста, ибодат ба ҷо меоваранд.

**ЧИЛЛИК** I چلّک ду чӯби аз болои якдигар гузаронидашуда, чалипо, салиб.

**ЧИЛЛИК** II چلّک ду чӯби аз болои ҳам салибмонанд гузаронидашудаи тирдор, ки бо вай панба ва ресмон メресанд; **чиллик ресидан (риштан)** ба чилик пашм ё панбаро дастӣ риштан.

**ЧИЛЛИК** III چلّک *лаҳҷ.* ангушти даст.

**ЧИЛЛИК** IV چلّک 1. зарфи чӯбин барои нигаҳ доштани шаробу сирко, ки ду тарафи он мудаввар аст ва онҳо бо тахтаҳо (-и фурӯхамида) ба ҳамдигар васл гардидаанд, *ниг.* **бочка**, **бӯшка**. 2. зарфи филизӣ, ки барои нигаҳ доштани нафт, равған *ва г.* истифода баранд.

**ЧИЛЛИКБОЗӢ** چلّک‌بازی навъе аз бозии кӯдакон, ки бо дастаи чӯбин чиллики чӯбии тақрибан 20-25 сантиметраи аз ду тараф сартезро ба мақсади ҳарчи дуртар фиристодан мезананд ва анвои гуногуни ин бозӣ вуҷуд дорад; чиллакбозӣ, чилликдангал.

**ЧИЛЛИКДАСТА** چلّک‌دسته чӯбдастае, ки бо он чилликро мезананд, дангал.

**ЧИЛЛИКӢ** چلّکی ба шакли чиллик, чилликшакл, салибмонанд.

**ЧИЛЛИКРЕС** چلّک‌ریس он ки бо чиллик пашм мересад, он ки касбаш дар чиллик пашм ресидан аст.

**ЧИЛЛИКРЕСӢ** چلّک‌ریسی бо чиллик пашм ресидан.

**ЧИЛЛИКХОЛ** چلّک‌خال навъи қартабозӣ; **қартаи чилликхол** қартае, ки нақши сиёҳи чилликмонанд дорад.

**ЧИЛЛИКШАКЛ** چلّک‌شکل салибшакл, салибмонанд, салибӣ.

**ЧИЛОЛАК** چلالک 1. гирдачӯби яклухти аз танаи дарахт буридашуда. 2. чархе, ки аз гирдачӯби яклухт сохта шудааст. 3. чархи ароба: **чилолаки ароба**. 4. сатҳи доирашакли асбоби кулолгарӣ, ки гилро дар он гузошта, ба қолаб меандозанд.

**ЧИЛПО** چلپا *зоол.* навъи ҳашароти хурди бисёрпо, ҳазорпо.

**ЧИЛПО(Й)** چلپا(ی) *бот.* номи гиёҳи табобатиест, ки дорои танаи ғафси зерихокӣ ва баргҳои калони яклухти дароз аст, дар минтақаҳои мӯътадил мерӯяд, номҳои дигари он зангидору, усқулуқиндриюн (scolopȳndrium) мебошад.

**ЧИЛСОЛА** چل‌ساله 1. он ки синнаш ба чил расидааст, он ки ба чил даромада бошад. 2. дар муддати чил сол иҷрошуда, ба иҷрояш чил сол сарфшуда.

**ЧИЛСОЛАГӢ** چل‌سالگی 1. давраи зиндагӣ, ки ба чил сол баробар аст: **ҷашни чилсолагӣ**. 2. синни муайяни зиндагӣ, айёми чилсолагии ҳаёт: **дар синни чилсолагӣ**.

**ЧИЛСУТУН** چل‌ستون толор, бино ё қасри серсутун, бисёрсутун.

**ЧИЛТАН** چل‌تن *д.* мувофиқи ривоёти динӣ, чиҳил нафаре, ки ҳамроҳи Мӯсо-пайғамбар ба Кӯҳи Тур рафта буданд.

**ЧИЛТАНОН** چلتنان *д.* мувофиқи таълимоти дини ислом, гурӯҳе аз солеҳон ва хосони худованд, ки ҳеҷ гоҳ ҷаҳон аз онҳо холӣ нест ва замин ҳамеша ба онон барпост ва ҳар гоҳ, ки яке аз онҳо бимирад, худованд дигареро ба ҷои ӯ вогузорад.

**ЧИЛТОР** چلتار *мус.* асбоби мусиқии бисёртораест аз қабили тор, дутор, думбра *ва г.*

**ЧИЛТОРА** چل‌تاره бисёртора, майдабоф (*нисбат ба мӯй*).

**ЧИЛУМ** چلم *шумораи тартибӣ аз* **чил**.

**ЧИЛЧАРОҒ** چل‌چراغ чароғи овезаи булурӣ, ки чанд шоха дорад ва дар ҳар кадоми онҳо чароғе месӯзад, қандил.

**ЧИЛЧӮБ** چل‌چوب дастаи химчаҳои басташуда, ки онро дар тайёр кардани нишолло истифода мекунанд.

**ЧИЛЯМОҚ** چل‌یماق либосе, ки дарбеҳу бахяи бисёр дорад, либосе, ки поргии зиёд дорад.

**ЧИМ** I چم 1. қабати болои замини сабзапӯш бо решаҳои фаровону устувори алафи бисёрсола. 2. пораҳои буридашудаи қабати болоии замини сабзадори серреша, ки онро барои алафпӯш кардани варзишгоҳҳо, бастани сари ҷӯй *ва г.* истифода мекунанд.

**ЧИМ** II چم чизи сабзтобест шабеҳ ба абрешим, ки дар рӯи об пайдо мешавад, ҷули вазағ, хонаи қурбоққа, ҷомаи ғук, базағсама.

**ЧИМ** III چم мухаффаф аз «чӣ маро» аст ба маънии «ҳар чӣ ба ман», ба монанди **чи-т, чи-ш, к-ат, к-аш**.

**ЧИМ** IV چم *номи ҳарфи ҳафтумини алифбои арабиасоси тоҷик аст, ки аз ҷумлаи ҳарфҳои хоси тоҷикӣ буда, дар асоси ҳарфи ҷим бо иловаи ду нуқтаи дигари тахтонӣ сохта шудааст.*

**ЧИМ** V چم *ниг.* **чам** III.

**ЧИМБУР** چم‌بر касе, ки мутахассиси буридану задани чим аст.

**ЧИМЗОР** چمزار 1. замине, ки қабати болои он бо сабзаи фаровони серрешаву устувори бисёрсола пӯшида аст. 2. ҷое, ки барои канда гирифтани чим мувофиқ аст.

**ЧИМИЛИҚ** *т.* چملق пардае, ки дар шаби арӯсӣ барои мулоқоти кӯтоҳи арӯсу домод кашида мешавад; чодари арӯс, арӯспарда.

**ЧИМПӮШ** چم‌پوش маҳалле, ки бо чим пӯшо-

нидаву ороста шудааст.

**ЧИМХӮР** چم‌خور камхур, майдахур, беиштиҳо.

**ЧИМХӮРӢ** چمخوری камхурӣ, беиштиҳоӣ.

**чин** چین 1. *асоси замони ҳозира аз феъли* **чидан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънии* чидашуда (**гулчин, дастчин, таҳчин…**) чинанда, ҷамъоваранда (**суханчин, пахтачин…**), ба худ гиранда, ҷаббанда (**арақчин, обчин**…).

**ЧИН** I چین 1. шикан, баҳамкашидагӣ дар пӯсти рӯй, ожанг. 2. печ, гиреҳ, хаму тоб дар мӯй, абрӯ: **чини зулф, чини абрӯ**. 3. шикан ва қати либос: **чинҳои курта**; **чин дар чин** печ дар печ, хам андар хам**; чин ба абрӯ овардан (фикандан)** абрӯ ва пешонаро чиндор, ожангдор кардан, осори хашм ва норозигӣ зоҳир кардан; **абрӯ чин кардан** хашмгин шудан, ҳолати ғазаб ба худ гирифтан; **чин ба абрӯ фитодан** а) *киноя аз* андӯҳгин шудан, маҳзун гаштан; б) *киноя аз* пиру нотавон шудан; **чин ба ҷабин** хашмгин, ғазабнок; **чин-чин** чиндор, ожангдор, серожанг.

**ЧИН** II چین 1. сулолае аз подшоҳони Чин, ки солҳои 321-207 то мелод ҳукмфармоӣ кардаанд. 2. қисмате аз Осиёи Марказӣ дар ҳудуди байни кӯҳҳои Тиёншон, Олой ва Помир, ки Туркистони Шарқӣ ё Туркистони Чин номида мешуд ва музофоти Кошғар ва Хутанро дар бар мегирифт; вилояти *Шинҷони* (Синтсзяни) Хитои имрӯза; **хоқони Чин** номи умумии фармонравоёни Туркистони Шарқӣ.

**ЧИНА** I چینه 1. дона, ки мурғу парандаҳо чида мехӯранд. 2. хӯроки мурғону парандагон. 3. чинадон, ҷиғилдони мурғону парандагон; жоғар, ғарғараи парандагон.

**ЧИНА** II چینه *сохт.* 1. девори пахса; девори гилӣ бидуни хишту санг. 2. ҳар як қабати девори пахса. 3. анбори ғалла.

**ЧИНА** III چینه *геол.* қабати сангини замин, ки сатҳи он нисбатан ҳамвор ва аз қабатҳои фавқониву тахтонӣ мушаххасу фарққунанда аст.

**ЧИНАДОН** چینه‌دان ҷиғилдони мурғон, жоғар.

**ЧИНАК** چینک давраи муайяни чидани пахта ва зироатҳои дигари чидашаванда: **чинаки аввал, чинаки охирин**.

**ЧИНАКЧӢ** چینکچی он ки пахта, мева ва зироатҳои дигари чидашавандаро мечинад, пахтачин, хӯшачин *ва г.*

**ЧИНАНДА** چیننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **чидан**. 2. ҷамъоваранда, оне, ки ба ғунучини ҳосил машғул аст.

**ЧИН(А)ВАД** چینود мувофиқи таълимоти дини зардуштӣ пули сирот аст, ки некӯкорон онро мегузаранд ва бадкорон аз он сарозер ба дӯзах меафтанд.

**ЧИН(А)ВАТ** چینوت *ниг.* **чин(а)вад**.

**ЧИНГА** چنگه порахои хурди чӯб, ки ҳангоми шикастани ҳезум ба вуҷуд меоянд.

**ЧИНГАК** چنگک хушкшуда, қоқ; ожангзада, пажмурда.

**ЧИНГ-ЧИНГ** چنگ‌چنگ *калимаи тақлиди овоз*, ки садои борику гӯшхароши чизеро (*мас., нолиши сагро*) ифода мекунад.

**ЧИНДАН** چیندن *ниг.* **чидан**.

**ЧИНДОР** چین‌دار дорои печу хам, гиреҳнок, ожангнок, тобдор, рах-рах, печ-печ.

**ЧИНДОРКУНӢ** چین‌دارکنی *тех.* 1. пайдо кардани чин дар қаду бари чизе. 2. боровардани рах ва печ дар қисму олатҳо.

**ЧИНИБАНД** چینی‌بند устое, ки пораҳои шикастаи зарфҳои чиниро бо бандҳои филизӣ ба ҳам мепайвандад, косадӯз, қадоқгар.

**ЧИНИБАНДӢ** چینی‌بندی ба ҳам пайваст кардани пораҳои шикастаи зарфҳои чинӣ бо бандҳои филизӣ, косадӯзӣ, қадоқгарӣ.

**ЧИНИВОР** چینی‌وار зарфҳои чинӣ.

**ЧИНИВОРӢ** چینی‌واری *ниг.* **чинивор**.

**ЧИНИВОРФУРӮШ** چینی‌وارفروش он ки зарфҳои чинӣ мефурӯшад, фурӯшандаи чиниворӣ.

**ЧИНИВОРФУРӮШӢ** چینی‌وارفروشی 1. ҷои фурӯхтани зарфҳои чинӣ. 2. амали фурӯши чиниворӣ

**ЧИНИГУЛ** چینی‌گل 1. *бот.* гули чатршакли майдабарг. 2. навъи нақши гулҳои калон-калон дар ҳунари гулдӯзӣ.

**ЧИНИГУҶУМ** چینی‌گجم *бот.* навъи дарахти сада; *ниг.* **чинӣ** 2.

**ЧИНИКУЛОҲ** چینی‌کلاه 1. кулоҳе, ки сохти Чин ё маъмули Чин аст. 2. касе, ки кулоҳи сохти Чин ба сар дорад.

**ЧИНИНИГОР** چینی‌نگار 1. сохтаву пардохтаи Чин. 2. бо нақшу нигори чинӣ.

**ЧИНИПАРАНД** چینی‌پرند ҳарирy парниёни бофтаи Чин, матои нафиси истеҳсоли Чин.

**ЧИНИСАДА** چینی‌سده 1. *ниг.* **чинигуҷум**. 2. *ниг.* **чинӣ** 2.

**ЧИНИСИРИШТ** چینی‌سرشت он чизе, ки бунёду аслаш ба Чин тааллуқ дорад.

**ЧИНИСОЗ** چینی‌ساز касе, ки ба сохтани зарфҳои чинӣ машғул аст.

**ЧИНИСОЗӢ** چینی‌سازی ҳунар ё санъати сохтани зарфҳои ҷилодори чинӣ.

**ЧИНИТАРОЗ** چینی‌طراز бо ороишу зинати чинӣ.

**ЧИНИТОҶ** چینی‌تاج тоҷе, ки сохти Чин аст.

**ЧИНИФУРӮШ** چینی‌فروش *ниг.* **чиниворфурӯш**.

**ЧИНИФУРУШӢ** چینی‌فروشی *ниг.* **чиниворфурӯшӣ**.

**ЧИНИХОНА** چینی‌خانه ҳуҷра ё маконе, ки дар он ҷо зарфҳои чинӣ нигаҳ доранд.

**ЧИНИҲАРИР** چینی‌حریر матои нафису қимате, ки дар Чин мебофиданд.

**ЧИНИШ** چینش 1. *исми амал аз* **чиндан**: **ҷамъоварӣ, ғунучин**. 2. ба тартиб гузоштан, муназзам ҷобаҷо гузоштан.

**чинӣ** چینی *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб, ки аз асоси замони ҳозираи феъли* **чиндан** *ва пасванди исмсози* **-ӣ** *таркиб ёфтааст ва дар калимасозӣ сермаҳсул аст*: **пахтачинӣ, ангурчинӣ, себчинӣ, хӯшачинӣ, пулчинӣ, гапчинӣ** *ва г.*

**ЧИНӢ** I چینی навъе аз зарфҳои шикастпазири пурҷило, ки дар кӯра пазанд ва ба сабаби аввалин бор дар Чин ихтироъ гаштанаш чунин ном гирифтааст: **косаи чинӣ, табақи чинӣ**.

**ЧИНӢ** II چینی 1. *мансуб ба* **кишвари Чин**. 2. аз аҳли Чин, сокини Чин; хитоӣ. 3. *мансуб ба* **мардуми Чин**; **забони чинӣ**, **алифбои чинӣ**.

**ЧИНӢ** III چینی :**гуҷуми чинӣ** навъе аз дарахти сада (қарағоч), ки сершоху хушсурат аст.

**ЧИНӢ** IV چینی бофта, матоъ, мансуҷ.

**ЧИНӢ** V چینی :**чӯби чинӣ** пораҳои чӯби сурхранг аст, ки дар Чини қадим оби бо ушбаи чинӣ ҷӯшондаи онро барои тасфияи хун ва бемориҳои сӯзок чун дору истифода мебурданд.

**ЧИНОР** چنار *бот.* дарахти бемева, бисёрумр ва пуршоху барги танумандн, ки баргаш панҷамонанд ва чӯбаш мавҷдори сахт аст; ◊ **аз худ оташ гирифтани чинор** худ аз худ сар задани коре, ки ба оташ гирифтан худ аз худи чинор монанд аст; **чинору каду** набудани таносуб ва баробарӣ дар шакл ё маънӣ байни ду кас ё ду чиз, ки ин маънӣ аз масали ҳамноми Мавлавӣ пайдо гардидааст; **чинору манор кардан** а) дашноми қабеҳ, ҳақорати сахт; б) овораву саргардон.

**ЧИНОРАК** چنارک *бот.* гиёҳи даштии чинорбарги зардгули заҳрнок.

**ЧИНОРЗОР** چنارزار 1. он ҷо, ки дарахти чинор фаровон аст. 2. ҷои коштан ва парвариш кардани чинор.

**ЧИНОРИСТОН** چنارستان *ниг.* **чинорзор**.

**ЧИНОРӢ** چناری *мансуб ба* **чинор**; аз чӯби чинор сохташуда.

**ЧИНХӮРДА** چین‌خورده 1. чиндор, ожангдор, гиреҳдор. 2. *геол.* қабат-қабат.

**ЧИНШИНОС** چین‌شناس мутахассиси соҳаи чиншиносӣ, муҳаққиқ ва донишманди соҳаҳои мухталифи ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии Чин.

**ЧИНШИНОСӢ** چینشناسی омӯзиши соҳаҳои гуногуни кишвари Чин, таҳқиқи ҷанбаъҳои мухталифи иқтисод ва соҳаи дигари давлати Чин.

**ЧИПҚОН** *т.* چپقان *гуфт.* захми фасоддор, ки дар ҷойҳои мухталифи бадан пайдо мешавад, пучак.

**ЧИПОР** چپار ду ранги хол-холи ба ҳам омехта: **мори чипор, мурғи чипор**.

**ЧИПОРӢ** چپاری дурангӣ, омехта ҷой гирифтани холҳои ду ранги гуногун.

**ЧИПТА** I چپته 1. матои дуруштбоф, ки аз вай бештар қанор ё ҷувол медӯзанд. 2. қанор ё фарши аз лиф бофташуда.

**ЧИПТА** II چپته *гуфт.* билети васоили нақлиёт, бештар нақлиёти роҳи оҳан.

**ЧИПТАБОФ** چپته‌باف он ки ба бофидани матои дурушт аз лиф машғул аст.

**ЧИПТАБОФӢ** چپته‌بافی бофтани матои дурушт аз лиф, ки асосан барои дӯхтани ҷуволу халта истифода мешавад.

**ЧИПТАГИН** چپته‌گین аз матои дурушти чипта сохташуда.

**ЧИПТАГӢ** چپتگی аз чипта дӯхташуда: **халтаи чиптагӣ**.

**ЧИПТАФАРШ** چپته‌فرش фарше, ки ба он матои дурушти чипта густурда шудааст.

**ЧИПТАФУРӮШ** چپته‌فروش он ки шуғлаш фурӯхтани чипта аст, билетфурӯш.

**ЧИПТАФУРӮШӢ** چپته‌فروشی шуғли фурӯхтани чипта, билетфурӯшӣ.

**ЧИПТОРА** چپتاره хонаи хаспӯш; *ниг.* **чӯбтора**.

**ЧИР** چر садои гӯшхароши борики касе ё чизе; **чир задан** сахт чиррос кардан.

**ЧИРА** چیره *кит.* ғолиб, фирӯз, мусаллат.

**ЧИРАДАСТ** چیره‌دست *кит.* 1. забардаст, ғолиб. 2. моҳир.

**ЧИРАДАСТӢ** چیره‌دستی 1. ғолибият, забардастӣ, тасаллут. 2. маҳорат, ҳунармандӣ.

**ЧИРАЗАБОН** چیره‌زبان *кит.* сухангӯи бофасоҳат, балеғсухан, чарбзабон, суханвар.

**ЧИРАЗАБОНӢ** چیره‌زبانی истеъдоди суханварӣ, забон ва баёни фасеҳ, балоғат дар сухан.

**ЧИРГИН** چرگین полон, тӯқум.

**ЧИРГӢ** چرگی намад ё матои ғафси дӯхта, ки аз зери зини асп гузошта мешавад.

**ЧИРИҚҚОС** چرقّاس *ниг.* **чириқ-чириқ**.

**ЧИРИҚ-ЧИРИҚ** چرق‌چرق садои гунчишк ва парандаҳои дигари монанди он: **чириқ-чириқ кардан**.

**ЧИРИНГ** چرنگ *ниг.* **чаранг**.

**ЧИРК** چرک 1. чизи тира ва сиёҳе, ки дар бадан ва либос пайдо мешавад. 2. рим ва фасоди реш дар ҷароҳатҳо. 3. саргини ҳайвонот аз қабили гов, хар саг *ва г.*

**ЧИРКБАРДОР** چرک‌بردار либосворие, ки сафед набошад ва нишастани доғ ва сиёҳӣ дар он зуд маълум нагардад.

**ЧИРКИН** چرکین 1. чиркгирифта, олудаи чирк, доғгирифта, касиф, нопок, ношуста; *муқоб.* **тоза**: **чиркин кардан, чиркин шудан**. 2. *маҷ.* бадкор, бадният, олудаи бадӣ, ифлос. 3. *маҷ.* **моли дунё, сарват**.

**ЧИРКИНӢ** چرکینی ифлосӣ, олудагӣ, касифӣ.

**ЧИРКНОБАРДОР** چرک‌نابردار зудифлосшаванда; чизе, ки олудагии он зуд маълум мешавад.

**ЧИРКОБ** چرکاب 1. оби чирколуд, оби касиф, оби олудаи чирку чарбӣ. 2. рими ҷароҳат.

**ЧИРКОБА** چرک‌آبه оби чиркин, оби истифодашуда (*мас.*, *оби ҳаммом*).

**ЧИРКОЛУД** چرک‌آلود олудаи чирк, ифлос, чиркин.

**ЧИРОҒ** چراغ *ниг.* **чароғ**.

**ЧИРОҒАК** چراغک *ниг.* **чароғак**.

**ЧИРОҒВОРА** چراغواره *ниг.* **чароғвора**.

**ЧИРОҒОН** چراغان *ниг.* **чароғон**.

**ЧИРОҒПОЯ** چراغ‌پایه *ниг.* **чароғпоя**.

**ЧИРОҒЧӢ** چراغچی *гуфт.* чароғбардор.

**ЧИРРАС//ЧИРРОС** چرّس//چرّاس овози чирчири чизе, ки борики гӯшхарош аст; чиррас задан.

**ЧИРРОСЗАНОН** چرّاس‌زنان дар ҳолати чиррос задан.

**ЧИРРОСЗАНӢ** چرّاس‌زنی баровардани садои борики гӯшхарош.

**ЧИРРОСӢ** چرّاسی садои борики гӯшхарош; **овози чирросӣ**.

**ЧИР-ЧИР** چرچر *ниг.* **чиррос**.

**ЧИРС-ЧИРС** چرس‌چرس садои сӯхтани ҳезум ё ба чизи гарм расидани чизе.

**ЧИРЧИРАК** چرچرک *зоол.* навъи малах, ки бештар дар гандумзорҳо мегардад ва дар

гармо дуру дароз чир-чир мекунад.

**ЧИСТ** چیست *шакли пайваста ва ихтисоршудаи* **чӣ аст**; **номат чист**?

**ЧИСТОН** چیستان тасвири ягон муаммо ба воситаи ҷумла ё шеър, ки ҷавобро талаб мекунад; чист он?

**ЧИСТОНГӮӢ** چیستان‌گوئی 1. гуфтани чистон; ёфтани чистон. 2. мусобиқаи чистонгӯиву чистонёбӣ байни ду ва ё зиёда ашхос.

**ЧИСТОНГӮЙ** چیستان‌گوی он ки чистон мегӯяд, гӯяндаи чистон.

**ЧИСТОНГӮЯК** چیستان‌گویک *ниг.* **чистонгуй**.

**ЧИСТОНЁБӢ** چیستان‌یابی пайдо кардани ҷавоби муаммои ба воситаи чистон додашуда.

**ЧИТ** چیت 1. газворе, аз нахи пахта бофта мешавад. 2. *шакли мухаффаси* **чият** чӣ чизат.

**ЧИТГАР** چیتگر бофанда, он ки ба чит нақшу нигор меандозад (*дар бофандагии дастӣ*).

**ЧИТГАРӢ** چیتگری бофандагӣ, нақшу нигор андохтан ба чит: **сехи читгарӣ**.

**ЧИТФУРӮШ** چیت‌فروش фурӯшандаи чит, он ки газвор савдо мекунад.

**ЧИТФУРӮШӢ** چیت‌فروشی фурӯши чит, савдои газвор ва матоъ.

**ЧИХ** I چیخ он ки аз чашмаш оби чиркин меравад, касе, ки аз сабаби об рафтан аз чашмаш мижаҳояш рехтаанд, касе, ки чашмаш шилпуқ аст.

**ЧИХ** II چخ 1. садое, ки бо он сагро дур кунанд; овозе барои рондани саг, дур шав, тур. 2. *гуфт.* садое, ки барои ба зону нишондани уштур гуфта мешавад: **чих-чих**.

**ЧИҲИЛ** چهل *ниг.* **чил**.

**ЧӢ** I چی//چه 1. *ҷонишини саволӣ* барои ашё, предмет, ҳама чиз (*ба ғайр аз инсон*); **ин чист?, чӣ мекунӣ?, чӣ дорӣ?, чӣ гуфтӣ?, чӣ тавр?, чӣ хел?, чӣ гуна?, чӣ навъ?; чӣ қадар** ба кадом миқдор, чӣ андоза (*барои ифодаи чизи бисёр ва бисёрии чизе*) **чӣ шуд**? куҷо шуд?. 2. барои чӣ?, аз чӣ? барои чӣ? бо кадом сабаб?. 3. бо кадом мақсад?. 4. чӣ чиз, кадом чиз?. 5. чӣ хел?, чӣ навъ?, иборат аз чӣ?. 6. магар, оё (*тааҷҷуб*).

**ЧӢ** II چه *ҳиссачаи пурсиш*: **чӣ хел**?, **чӣ навъ** ?.

**-ЧӢ** I چه *гуфт. ҳиссачаи саволии хоҳишмандӣ*: **шумо ҳам як фикр карда бинед-чӣ, ба вай як гуфта бинед-чӣ**.

**-ЧӢ** II چی *пасванди калимасоз*: **аълочӣ, нақорачӣ, тракторчӣ**.

**ЧОБА//ЧОВА** چابه//چاوه зарфи тунукагии равғанандозии ҷувозкашҳо, чалаки равған.

**ЧОБУК** چابک 1. чаққон, чусту чолок, зудкор; **одами чобук**. 2. тез, босуръат; **чобук роҳ рафтан** тез ва чаққон роҳ гаштан.

**ЧОБУКАНДЕШ** چابک‌اندیش *кит.* зирак, тезфаҳм, ҳушёр, бозаковат.

**ЧОБУКАНДЕША** چابک‌اندیشه *ниг.* **чобукандеш**.

**ЧОБУКДАСТ** چابک‌دست моҳир дар кори худ, бомаҳорат, тезкор.

**ЧОБУКДАСТӢ** چابک‌دستی маҳорат, моҳирӣ, чаққонӣ.

**ЧОБУКӢ** چابکی чолокӣ, чаққонӣ.

**ЧОБУКҚАДАМ** چابک‌قدم тезрав, тезрафтор, сабукпай.

**ЧОБУКҚАЛАМ** *ит.* چابک‌قلم тезнавис, зуднавис.

**ЧОБУКОНА** چابکانه 1. тез, босуръат, чолокона. 2. моҳирона, бомаҳорат.

**ЧОБУКПАР** چابک‌پر тезпарвоз, зудпарвоз.

**ЧОБУКПО(Й)** چابک‌پا(ی) тезрав, тездав; аспи чобукпой.

**ЧОБУКРАВ** چابک‌رو тезрав, чобукрафтор.

**ЧОБУКРАФТОР** چابک‌رفتار тезрав, тездав (*сифати асп*).

**ЧОБУКСАВОР** چابک‌سوار савори моҳир, савори бомаҳорат; аспрон дар пойга ва мусобиқаҳои аспдавонӣ.

**ЧОБУКСАВОРӢ** چابک‌سواری моҳирона идора кардани асп дар пойга.

**ЧОБУКСАРОЙ** چابک‌سرائی *кит.* бо маҳорат сароянда, фасеҳбаён, хушсухан.

**ЧОБУКҲАРАКАТ** چابک‌حرکت тезрафтор, чаққон.

**ЧОВ** I *ҳ.* چاو пули коғазии чоркунҷаи дарозрӯя.

**ЧОВ** II چاو овози парандагон ҳангоми тарс ва хавфу хатар.

**ЧОВА** چاوه *ниг.* **чоба**.

**ЧОВАНДОЗ** چاوانداز асптоз, савори моҳир, чопандоз.

**ЧОВАНДОЗӢ** چاواندازی асптозӣ кардан, маҳорати аспсаворӣ нишон додан, чопандозӣ.

**ЧОВАЧА** چاوه‌چه чалакча, чобаи хурд.

**ЧОВИДАН** چاویدن 1. фарёд кардани парандагон ҳангоми таарруз ба ошёнаи онҳо. 2. бонг задани инсону ҳайвонот. 3. тавалло ва зорӣ кардан.

**ЧОВОЛА** چاواله як навъ гули садбарги сурхи хушранг.

**ЧОВУШ** *т.* چاوش *таър.* 1. сарҳанги лашкар, пешрави лашкар. 2. шотир, хизматгоре, ки пешопеши ҳоким ё амалдор ҳаракат мекунад.

**ЧОВУШӢ** چاوشی ҳаракат кардан пешопеши рикоби подшоҳ ё корвон.

**ЧОВ–ЧОВ** چاوچاو *овози парандагон*; **чов–човон** чов-човкунон, чи-чикунон.

**ЧОДАР//ЧОДИР//ЧОДУР** چادر 1. пардае, ки занон ба сар гирифта, ба воситаи он худро аз мардон мепӯшонанд, фаранҷӣ; **чодари сиёҳ** рӯйпӯши занон, фаранҷӣ; **чодар партофтан** рӯй кушодан, фаранҷӣ партофтан. 2. хайма, хиргоҳ; **чодир задан** хайма барпо кардан. 3. парда, чимилиқ. 4. рӯпӯш, лиҳоф; ҳиҷоб; **чодари сиёҳ паҳн кардани шаб** *маҷ.* фаро расидани шаб.

**ЧОДАРБАСАР** چادربسر зане, ки ба сар фаранҷӣ дорад.

**ЧОДАРНИШИН** چادرنشین 1. он ки дар чодар менишинад, сокини хайма. 2. кӯчманчӣ.

**ЧОДАРНИШИНӢ** چادرنشینی 1. хайманишинӣ. 2. саҳронишинӣ, бодиянишинӣ.

**ЧОДАРПӮШ** چادرپوش он ки ба сар чодар дорад, фаранҷипӯш.

**ЧОДАРХАЁЛ** چادرخیال 1. *маҷ.* чизи пӯшида ва пинҳон, ки зераш бозиву найранг дошта бошад. 2. *маҷ.* чизи ҳаррангаи назарфиреб. 3. театри лӯхтак.

**ЧОДИР** چادر 1. *ниг.* **чодар**. 2. пардаи тутшипонӣ, боғҷома.

**ЧОДИРНИШИН** چادرنشین *ниг.* **чодарнишин**.

**ЧОДИРХАЁЛ** چادرخیال *ниг.* **чодархаёл**.

**ЧОДИРШАБ** چادرشب матое, ки бо он болои чизеро мепӯшанд.

**ЧОЙ** *ҳ.* چای 1. растании хушбӯй, ки барги сабзи хушконидаи онро ба оби ҷӯш андохта дам карда менӯшанд: **чойи кабуд, чойи маҳин, чойи сиёҳ**. 2. нӯшобае, ки аз барги чой ва оби ҷӯш тайёр карда шудааст; **чойи хунук** чои сардшуда; **чой гардонидан** а) чой рехтан; б) чои дамкардаро якчанд бор ба пиёла рехта ба чойник гардондан; **чой дам кардан** ба чойи хушк оби ҷӯш рехта дам кардан; **чой кашидан** чой рехтан; **чой мондан** ҷӯшондани об барои дам кардани чой; **чой ҷӯшондан** ҷӯшондани об барои дам кардани чой. 3. чойнӯшӣ.

**ЧОЙБОДКАШ** چای‌بادکش *ниг.* **чойгардон**.

**ЧОЙГАРДОН** چای‌گردان 1. кафлези калон барои рехтану кашидани ширчой ва таомҳои моеъ ва *м.ин.* 2. гардонида рехтани чой баъд аз дам кардани он.

**ЧОЙДОН** چای‌دان зарф барои андохтани чои хушк, зарфи чойгирӣ.

**ЧОЙЗОР** چایزار киштзоре, ки дар он чой парвариш карда мешавад.

**ЧОЙИСТОН** چایستان *ниг.* **чойзор**.

**ЧОЙКАҲАК** چای‌کهک *бот.* як навъ гиёҳи бисёрсола, ки чун дору истифода мешавад.

**ЧОЙКАШ** چای‌کش он ки чой кашида медиҳад, чойрез.

**ЧОЙКАШӢ** چای‌کشی 1. кашидани чой, рехта додани чой. 2. кашондани чой, бурдани чой.

**ЧОЙКОР** چای‌کار он ки чой кишт мекунад, корандаи чой.

**ЧОЙКОРӢ** چای‌کاری машғул будан бо киштукори чой.

**ЧОЙҚУТТӢ** چای‌قتی 1. *ниг.* **чойдон**. 2. қуттии чой.

**ЧОЙНАК** چاینک *ниг.* **чойник**.

**ЧОЙНИК** چاینک зарфи чинӣ, ки дар он чой дам мекунанд.

**ЧОЙНИКМОНАК** چاینک‌مانک 1. раф ё токе, ки дар он чойник ва дигар зарфҳои чиниро нигоҳ медоранд. 2. он чизе, ки болояш чойникро мегузоранд.

**ЧОЙНИКПӮШАК** چاینک‌پوشک чизи пахтагии аз матоъ дӯхта, ки чойникро барои гарм нигоҳ доштани чой бо он мепӯшанд.

**ЧОЙНӮШ** چای‌نوش он ки чой менӯшад, чойхӯр.

**ЧОЙНӮШӢ** چای‌نوشی нӯшидани чой.

**ЧОЙПУЛӢ** چای‌پولی пули андаке, ки ба сифати хизматона медиҳанд.

**ЧОЙФУРӮШ** چای‌فروش он ки чой мефурӯшад, фурӯшандаи чой.

**ЧОЙФУРӮШӢ** چای‌فروشی 1. фурӯхтани чой, савдои чой. 2. ҷои фурӯши чой.

**ЧОЙХАЛТА** چای‌خلته халтача барои нигоҳ доштани чой, халтаи чой.

**ЧОЙХОНА** چای‌خانه бино ё ҷои махсус, ки барои нишаста чой нӯшидан ва истироҳат истифода мешавад.

**ЧОЙХОНАГӢ** چای‌خانگی *мансуб ба* **чойхона**, муносиби чойхона: **чойҷуши чойхонагӣ**.

**ЧОЙХОНАДОР** چای‌خانه‌دار ходими чойхона, чойхоначӣ, соҳиби чойхона.

**ЧОЙХОНАЧӢ** چای‌خانچی *ниг.* **чойхонадор**.

**ЧОЙХӮР** چای‌خور *ниг.* **чойнӯш**.

**ЧОЙХӮРАК** چای‌خورک 1. *кҳн.* танаффус барои чойхӯрӣ (*дар мактаби кӯҳна*). 2. дӯстдори чой, мухлиси чойнӯшӣ.

**ЧОЙХӮРӢ** چای‌خوری нӯшидани чой, чойнӯшӣ.

**ЧОЙҶУВОРӢ** چای‌جواری *бот.* растании калонхӯшаи тӯдагул, ки барои хӯрок ва эҳтиёҷоти техникӣ ба кор мебаранд.

**ЧОЙҶӮШ** چای‌جوش зарфи филизие, ки дар он барои чой дам кардан об меҷӯшонанд.

**ЧОЙҶӮШОНӢ** چای‌جوشانی ҷӯшондани чой, ҷӯшонда тайёр кардани чой.

**ЧОК** چاک 1. шикоф, даридагии ягон чиз, пора; **дили чок** дили ҷароҳатнок, дили пуралам озор. 2. ҷои буридашуда, буриш; **чок задан** шикоф кардан, даррондан, пора кардан; **чок кардан** а) шикофтан, сӯрох кардан; б) харошидан, даррондан, пора кардан; **чок шудан (гардидан, гаштан)** шикоф шудан, даридан; чок-чок шудан пора-пора шудан; **гиребон (курта, ҷома) чок кардан** аз сахтии ғаму алам нолаву фиғон кардан. 3. ҷои дӯхт, ҷое, ки бояд дӯхта шавад. 4. сӯзанӣ, як навъ чодари мунаққаши дастдӯз, ки дар ороиши хонаву маросими арӯсӣ истифода мебаранд.

**ЧОКАР** چاکر навкар, хизматгор, фармонбардор; **чокар кардан** мутеъ ва фармонбардор гардонидан.

**ЧОКАРӢ** چاکری 1. чокар будан, хидматгорӣ. 2. фармонбардорӣ, мутеъ будан.

**ЧОКАРОНА** چاکرانه 1. хизматгорона, бандавор. 2. фармонбардорона, мутеона.

**ЧОКБУР** چاکبر он ки андоза гирифта матоъ мебурад (*дар дӯзандагӣ*).

**ЧОКБУРАК** چاک‌برک қайчии матоъбурӣ.

**ЧОКБУРӢ** چاک‌بری андозагирӣ ва буридани матоъ барои дӯхтани либос.

**ЧОКДӮЗ** چاک‌دوز 1. дӯзанда, либосдӯз. 2. касе, ки чок ва сӯзаниҳои махсус медӯзад.

**ЧОКДӮЗӢ** چاک‌دوزی 1. либосдӯзӣ, дӯзандагӣ. 2. дӯхтани чок ва сӯзаниҳои махсус.

**ЧОКӢ** چاکی сӯрохӣ, шикофӣ.

**ЧОККУНӢ** چاک‌کنی 1. пора кардан, даридан, шикофтани чизе. 2. буридани бадан ба мақсади ошкор кардани беморӣ, иллати марг ё гузаронидани ҷарроҳӣ.

**ЧОКУПОРАДӮЗ** چاک‌وپاره‌دوز *гуфт.* он ки чоку пора (-и либос, пойафзорро) медӯзад, ямоқдӯз, пинадӯз.

**ЧОКУПОРАДӮЗӢ** چاک‌وپاره‌دوزی *гуфт.* дӯхтани чоку пора, дӯхтани ямоқ (пина).

**ЧОК–ЧОК** چاک‌چاک 1. пора–пора, дарида–дарида, лахт–лахт. 2. *ниг.* **чакочак**.

**ЧОҚ** *т.* چاق *гуфт.* 1. фарбеҳ, сергӯшт, ғафс. 2. сиҳат, тандуруст. 3. *маҷ.* болида, болон, хуррам; **димоғ чоқ будан** табъ хуш будан, хурсанд будан; **вақт чоқ шудан** хушҳол

шудан; **димоғ(и)** *касеро* **чоқ кардан** хурсанд кардан, хушҳол гардонидан касеро; **димоғ чоқ шудан** хушҳол гардидан, хурсанд шудан; **кайф (табъ) чоқ кардан** хушҳол кардан. 4. мамнун, қонеъ.

**ЧОҚУ** چاقو кордча, қаламтарош.

**ЧОЛ** I *т.* چال *гуфт.* мӯйсафед, пирамард; **чолу кампир** пирмард ва пиразан.

**ЧОЛ** II چال хӯшаҳои кӯфтнахӯрдаи ғалла; пасмондаи гандум ё ҷави кӯфта дар ғалбер баъди бехтан, чор.

**ЧОЛ** III چال 1. чуқурӣ, мағок; гудол. 2. чоҳе, ки ба он бандиёнро меандохтанд, сияҳчол. 3. чоҳ барои нигоҳ доштани гандуму ҷав, силу. 4. чоҳ барои нигоҳ доштани ях, яхчол.

**ЧОЛ** IV چال аспе, ки мӯи сурху сафеди омехта дорад.

**ЧОЛ** V چال 1. гараве, ки қиморбозон бо ҳам мебастанд. 2. маҳалле (чоҳе), ки қиморбозон пинҳонӣ дар он ҷо қимор мезаданд.

**ЧОЛА** چاله 1. чоҳи хурд. 2. *ниг.* **чол** III; **аз чола гурехта ба чоҳ афтодан** аз борон гурехта ба новадон дучор шудан.

**ЧОЛВОР** چالوار 1. матои пахтагини сафеди оҳорӣ, ки аз он пироҳан ва либоси зер омода мекунанд. 2. шалвор, шим.

**ЧОЛИШ** *т.* چالش 1. мубориза, ҷангу ҷидол, задухӯрд, ҳамлаву ҳуҷум. 2. ҳаракат, рафтор; хиромиш, рафтори ба нозу такаббур.

**ЧОЛИШГАР** چالشگر *кит.* 1. ҷанговар, мубориз, ҳамлагар. 2. он ки бо нозу такаббур роҳ мегардад.

**ЧОЛИШГАРӢ** چالشگری *кит.* ҷанговарӣ, ҳарбу зарб, ҳамлагарӣ.

**ЧОЛОБ** چالاب чакаи дар об омехта, ки ҳамчун нӯшоба истифода мебаранд.

**ЧОЛОК** چالاک 1. чуст, чаққон, чобук; **чусту чолок** чобук, чаққон. 2. моҳир. 3. ҳушёр, зирак.

**ЧОЛОКГАРД** چالاکگرد тезгард, тезрав.

**ЧОЛОКДАСТ** چالاکدست тезкор, моҳир, боғайрат: **духтари чолокдаст**.

**ЧОЛОКДАСТӢ** چالاکدستی тезкорӣ, моҳирӣ, ғайратмандӣ.

**ЧОЛОКӢ** چالاکی 1. чобукӣ, чаққонӣ. 2. моҳирӣ, кордонӣ.

**ЧОЛОКОНА** چالاکانه чаққон, чобукона.

**ЧОМ** چام печу хами кӯҳ ва дара; **чом-чом** роҳҳои каҷу килеб ва пасту баланд.

**ЧОМА** چامه *кҳн.* шеър, ғазал.

**ЧОНА** I چانه гирдогирди даҳон, манаҳ, закан, колинг.

**ЧОНА** II چانه *кит.* наср; *муқ.* **чона;** ◊ **чонаи бечо задан** беҳуда гапӣ кардан, ҳарзагӯӣ кардан.

**ЧОНАБАНД** چانهبند *кит.* манаҳбанд, порчае, ки бо он манаҳи мурдаро мебанданд.

**ЧОНАГӮӢ** چانهگوئی *кит.* 1. ғазалсаро, шоир. 2. ҳофиз. 3. сурудхон, овозхон.

**ЧОП** *ҳ.* چاپ 1. паҳлуи ҳам чидани ҳарфҳо дар матбаа, дастгоҳи чоп ва ё компютер; навиштани калима ва матн бо роҳи ҳуруфчинӣ. 2. бо роҳи нусхабардорӣ дар мошини махсус зиёд кардани миқдори навишта; **мошини чоп** дастгоҳи табъи китоб, рӯзнома *ва г.*; **чоп шудан** ба табъ расидан, нашр шудан; **аз чоп баромадан** нашр шудан, ба табъ расидан; **ба чоп додан** барои нашр ба матбаа супоридан; **ба чоп тавсия кардан** (намудан) ба нашр пешниҳод кардан; **чопи сангин** чопи литографӣ. 3. дурӯғ, газофа, иғроқ.

**ЧОПА** چاپه *ниг.* **чопӣ**: **девони чопаи Ҳофиз**.

**ЧОПАНДОЗ** چاپانداز *ниг.* **човандоз**.

**ЧОПАР** چاپر *ниг.* **чопор**.

**ЧОПАРХОНА** چاپرخانه истгоҳ ё манзил барои қосидону чопарон.

**ЧОПГАР** چاپگر 1. касе, ки чоп мекунанд, ҳуруфчин. 2. ба табърасонанда, ношир.

**ЧОПИДАН** چاپیدن *кит.* ба зӯрӣ гирифтани моли касе, ғорат кардан, ба яғмо бурдан.

**ЧОПӢ** چاپی 1. *мансуб ба* **чоп**: **ҷузъи чопӣ**. 2. чопшуда, матбӯъ, табъшуда; *муқоб.* **дастӣ**.

**ЧОПКУНАНДА** چاپکننده *сифати феълии замони ҳозира аз* **чоп кардан**; он ки ва он чи чоп мекунад.

**ЧОПКУНӢ** چاپ‌کنی 1. чоп кардан, ҳуруфчинӣ. 2. ба табъ расонидан, нашр кардан, интишор кардан.

**ЧОПЛУС** چاپلوس хушомадгӯи фиребгар, тамаллуқкор, забонбози фиребгар.

**ЧОПЛУСӢ** چاپلوسی хушомадгӯӣ, тамаллуқ, забонбозӣ барои фирефтан.

**ЧОПЛУСОНА** چاپلوسانه хушомадгӯёна, тамаллуқкорона.

**ЧОПНАВИС** چاپ‌نویس чопӣ, тавассути дастгоҳи ҳарфчин навишташуда; *муқоб.* **дастнавис**.

**ЧОПОР** *т.* چاپار *таър.* қосиди тезрав, пайк, хабаррасон.

**ЧОПОРӢ** چاپاری қосидӣ, хабаррасонӣ ва хабарбиёрӣ.

**ЧОПХОНА** چاپ‌خانه ҷои чоп, матбаа.

**ЧОР** I چار *шакли кӯтоҳи шумораи миқдории* **чаҳор; чор кас медидагӣ** писанди умум, намоён, чизи маъқул ва назаргир; **чор тараф қибла** бе ҳеҷ монеа, роҳ кушода ва бемонеа; **чор-чор** чортоӣ, чоркасӣ, иборат аз чор; **чор даҳан гап задан** каме сӯҳбат кардан; **чашм чор будан** сахт дар интизор будан; **чашми** *касеро* **чор кардан** хеле интизор ва чашмбароҳ кардан; **ба чор танга намеарзад** ҳеҷ қадр ва арзиш надорад.

**ЧОР** II چار *ниг.* **чол** 2.

**ЧОР** III چار *шакли кӯтоҳи* **чора; чору ночор** хоҳу нохоҳ, ноилоҷ.

**ЧОРА** چاره 1. илоҷ, тадбир; чораи маъмурӣ; **чораву тадбир** илоҷ; **чӣ чора** чӣ илоҷ; **чора андешидан** илоҷ ҷустан, тадбир кофтан; **чора дидан** а) илоҷ ёфтан, тадбир ҷустан; б) ҷазо муайян кардан, ҷазо додан; **чора доштан** илоҷ доштан, имконият доштан; **чора ёфтан** илоҷ пайдо кардан, роҳ ёфтан; **чора намондан** илоҷ набудан, роҳ намондан. 2. даво, дармон, илоҷ; **дарди ман чора надорад; чора кардан** даво кардан; **чизу чора** асбобу анҷом.

**ЧОРААНДЕШ** چاره‌اندیش он ки барои ҳалли корҳо чораву тадбирҳо меандешад, чорагар, тадбирсоз.

**ЧОРААНДЕШӢ** چاره‌اندیشی 1. илоҷ пайдо кардан, ҷустани роҳу равиши ҳалли мушкилӣ, чорагар. 2. ҷазо муқаррар кардан.

**ЧОРАБЗОЛ** چارابزال 1. асбобҳо, абзолҳо, таҷҳизот. 2. рандаи теғаш чорпара, ки дар чӯб ҷадвали чорқатора мебарорад.

**ЧОРАБИН** چاره‌بین тадбирандеш, илоҷгар, чораҷӯй.

**ЧОРАБИНӢ** چاره‌بینی ҷустуҷӯи чора ва илоҷи коре, тадбир.

**ЧОРАГАР** چاره‌گر чораҷӯй, чорабин, тадбирандеш, чорасоз.

**ЧОРАГАРӢ** چاره‌گری тадбирандешӣ, чорасозӣ.

**ЧОРАКОР** چاره‌کار *ниг.* **чорасоз**.

**ЧОРАКОРӢ** چاره‌کاری *ниг.* **чорасозӣ**.

**ЧОРАНГУШТ(Ӣ)** چارانگشت//چارانگشتی *гуфт.* воҳиди ченак, аз сари ангушти ишорат то сари ангушти хурд.

**ЧОРАНОПАЗИР** چاره‌ناپذیر 1. илоҷнопазир; 2. ислоҳнопазир.

**ЧОРАПАЗИР** چاره‌پذیر дорои роҳи ҳал; тадбирпазир, қобили ба кор бурдани илоҷи ислоҳ, ислоҳпазир.

**ЧОРАПАЗИРӢ** چاره‌پذیری 1. мавҷуд будани роҳи ҳал. 2. мавҷуд будани илоҷи ислоҳ.

**ЧОРАРКОН** چارارکان 1. чор унсур, яъне об, хок, бод ва оташ. 2. навъе аз хаймаи чаҳоргӯша аст, ки онро шарвонӣ низ мегӯянд, чаҳоройин. 3. айвони кушоде, ки ба чаҳор сутун (рукн) устувор аст. 4. чаҳор тарафи олам, яъне шарқу ғарбу ҷанубу шимол.

**ЧОРАСОЗ** چاره‌ساز чорагар, чоракунанда.

**ЧОРАСОЗӢ** چاره‌سازی чорабинӣ, тадбирёбӣ, илоҷёбӣ.

**ЧОРАСПА** چاراسپه пайваст ба чор асп, бо чор асп кашидашаванда: **аробаи чораспа**.

**ЧОРАҶӮЙ** چاره‌جوئی тадбирҷӯӣ, илоҷёбӣ, кофтани роҳи иҷрои коре ё пешгирӣ аз коре.

**ЧОРАҶӮ(Й)** چاره‌جو(ی) тадбирҷӯ, чораандеш.

**ЧОРБАНД** چاربند 1. пайвандгоҳи чоргонаи тана ба ду дасту ду пой; **устухони чорбанд**. 2. *киноя аз* дунё ва олам. 3. *киноя аз* аносири чоргона, чор унсур. 4. бо ресмон ё банди

дигар аз чаҳор тарафаш печонда бастани чизе: **чорбанд карда бастан**.

**ЧОРБАНДӢ** چاربندی 1. ресмон ё танобе, ки тифли навомӯзро ҳангоми саворӣ ба асп устувор мекунанд. 2. борхалта, кӯлборе, ки мусофир бо ду банд аз зери бағал ва ду банд аз рӯи шона ба танаш устувор мекунад. 3. *мансуб ба* **чорбанд**.

**ЧОРБАРГА** چاربرگه иборат аз чор барг; **чорбарга шудан** чор барг баровардан (*оид ба* растаниҳои навруста).

**ЧОРБАРӮЙ** چاربروی рӯ ба рӯ шудан ё дар як ҷо ҳозир шудани ду ё чанд кас барои ҳалли баҳс ё мунокишае.

**ЧОРБЕЛА** چاربیله 1. мутаҳаррик бо чор бел. 2. завраке, ки барои ҳаракати он чор бел муқаррар гардидааст. 3. намуди варзиш дар қаиқронӣ, ки дар он завракро чор нафар ба ҳаракат медароранд.

**ЧОРБЕХ** چاربیخ он чи чор реша дорад; ◊ **дарахти чорбех** дунё, ки тибқи баъзе аз таълимот аз чор унсур (об, хок, бод, оташ) таркиб ёфтааст.

**ЧОРБОҒ** I چارباغ 1. боғи калони зебо бо дарахтони соядор ва боровар. 2. боғҳои чоргона дар канори ҳамдигар, ки бо хиёбон аз ҳам ҷудо шудаанд. 3. қаср, кӯшк; бӯстонсаро.

**ЧОРБОҒ** II چارباغ номи яке аз оҳангҳои қадимии тоҷикӣ, чаҳорбоғ.

**ЧОРБОҒНОК** چارباغناک чорбоғдор.

**ЧОРБОҒЧА** چارباغچه чорбоғи хурд.

**ЧОРБОЗОРГАРД** چاربازارگرد *кҳн.* савдогаре, ки ба навбат дар рӯзҳои бозор деҳаҳоро гашта моли худро мефурӯшад.

**ЧОРБОЛИШТ** چاربالشت 1. тахти шоҳӣ. 2. дорои чор болишт (*мас.*, *тахти хоб*).

**ЧОРБОРА** چارباره 1. чор баробар, чор бор зиёдтар. 2. маротибаи чорум.

**ЧОРБУРҶА** چاربرجه иборат аз чор бурҷ, чорбурҷнок.

**ЧОРВО** چاروا ҳайвоноти чорпои хонагӣ, аз қабили гов, асп, гӯсфанд *ва г.*: **маҳсулоти чорво, парвариши чорво, хӯроки чорво**.

**ЧОРВОДОР** چاروادار 1. чорвопарвар, нигоҳубинкунандаи чорво. 2. соҳиби чорво.

**ЧОРВОДОРӢ** چارواداری нигоҳубини чорво, чорвопарварӣ.

**ЧОРВОПАРВАР** چارواپرور *ниг.* **чорводор**.

**ЧОРВОПАРВАРӢ** چارواپروری *ниг.* **чорводорӣ**.

**ЧОРГОН** چارگان *кит.* чортагӣ, чорта-чорта, чортоӣ; **баҳои чоргона** ба ивази чор (танга, дирам).

**ЧОРГОНА** چارگانه 1. иборат аз чор, чортоӣ: **сарнишини чоргона**, **комиссияи чоргона, фаслҳои чоргона**. 2. чортарафа, чорҷониба: **аҳдномаи чоргона**.

**ЧОРГОҲ** چارگاه номи яке аз навоҳои мусиқии классикии тоҷик.

**ЧОРГУЛ** چارگل дорои нақши чоргул (*мас.*, *тӯппӣ*).

**ЧОРГУЛА** چارگله *ниг.* **чоргул**.

**ЧОРГӮША** I چارگوشه 1. чоркунҷа; бинои чоргӯша; тахтаи чоргӯша. 2. *ҳанд.* шакли ҳандасаӣ чоркунҷа, мураббаъ. 3. тахти подшоҳӣ, сарир. 4. хонаи хурд, чордевор. 5. *киноя аз* тобут. 6. чор самт, чор тараф, чор ҷониб.

**ЧОРГӮША** II چارگوشه зарфе, ки чор даста дорад, чизе, ки чордастгирак дорад: **деги чоргӯша**, **кӯзаи чоргӯша**.

**ЧОРДАРА** چارده‌ره 1. хонаи дорои чор дар, ки ду дар аз шимол ва дутои дигараш аз ҷануб бошад. 2. автомашинаи дорои чор дар.

**ЧОРДАРД** چاردرد охирин ва сахттарин дарди занон ҳангоми (пеш аз) таваллуд кардан; дарди шадиди зоиш.

**ЧОРДАСТА** چاردسته 1. он чи чор даста дорад: **хуми чордаста**. 2. бо чор даст, бо истифода аз чор даст.

**ЧОРДАҲ** چارده шумораи миқдорие, ки аз даҳ бо замми чор иборат аст; **чордаҳсола** он чи ва он ки чордаҳ сол дошта бошад; **чордаҳшаба** он чи чордаҳ шабро гузаронида бошад; **моҳи шаби чордаҳ** а) маҳтоб, ки чордаҳшаба шуда бошад; б) *маҷ.* духтари соҳибҷамол, арӯси нозанин.

**ЧОРДАҲУМ** چاردهم *шумораи тартибӣ аз* **чордаҳ**.

**ЧОРДАҲУМИН** چاردهمین *ниг.* **чордаҳумин**.

**ЧОРДЕВОР** چاردیوار 1. ҷои чор тарафаш деворнок, ҳавлӣ. 2. ҳавлӣ ё мавзеи хароба. 3. хонаи хурд, *ниг.* **чоргӯша**.

**ЧОРДЕВОРӢ** چاردیواری *ниг.* **чордевор**.

**ЧОРДОРУ** چارداری давое, ки аз чор унсур таркиб ёфтааст.

**ЧОРЁР** چاریار *д.* чаҳор халиф, ҷонишинони Муҳаммад пайғамбар, хулафои рошидин, ки Абубакр, Умар, Усмон ва Алӣ мебошанд.

**ЧОРЗАБОН** چارزبان пургӯй, пурҳарф, сергап.

**ЧОРЗАБОНӢ** چارزبانی 1. пургӯӣ, пурсадоӣ. 2. *киноя* аз чаҳор унсур: обу хок ва боду оташ. 3. *киноя* аз чаҳор унсур, ки ба чаҳор забонаи дӯзах ташбеҳ шудаанд.

**ЧОРЗАРБ** چارضرب номи яке аз навоҳои мусиқии классикии тоҷик.

**ЧОРЗИД** چارضد чор падидаи сифатӣ, ки иборатанд аз гармӣ, сардӣ, тарӣ ва хушкӣ.

**ЧОРЗОНУ** چارزانو тарзи нишастан, пойҳоро қат карда, андар якдигар гузаронида нишастан: **чорзону нишастан**.

**ЧОРӢ** چاری 1. чортогӣ. 2. чорсола (*нисбат ба ҳайвонот, хусусан гӯсфанд*): **гӯсфанди чорӣ**.

**ЧОРКАСА** چارکسه 1. муносиб ва мувофиқ ба чор кас; барои чор нафар: **дивани чоркаса**. 2. чорнафара, дар ҳайати чор нафар: **чоркаса омадан, чоркаса рафтан**.

**ЧОРКАСӢ** چارکسی *ниг.* **чоркаса** 2.

**ЧОРКАФОН** چارکفان чорпора; **чоркафон кардан** ба чор пора ҷудо кардан (*ҳезумро*).

**ЧОРКИТОБ** چارکتاب 1. рисола дар бораи усул ва роҳҳои иҷрои талаботи дини ислом, ки чор китобро дар бар гирифта, яке аз воситаҳои асосии дарсии мадрасаҳо пешина будааст. 2. чаҳор китоби муқаддаси ба пайғамбарон нозилгашта, ки иборатанд аз «Забур»-и Довуд, «Таврот»-и Мӯсо, «Инҷил»-и Исо ва «Қуръон»–и Муҳаммад.

**ЧОРКУНҶ(А)** چارکنج//چارکنجه *ҳанд.* шакли ҳандасавӣ чоркунҷа, мураббаъ; шакли ҳандасавӣ, ки чор кунҷ дорад.

**ЧОРҚАБ** چارقب *таър.* либоси махсуси подшоҳон ва амирон.

**ЧОРҚАБАТА** چارقبته 1. иборат аз чор қабат. 2. чорошёна.

**ЧОРҚАРС** چارقرس навъи рақс ба ҳавои доира.

**ЧОРҚАТ** چارقت 1. чизи ба чор ҳисса қат шуда, ба чор таҳ кардашуда. 2. хамшуда, дутошуда; **чорқат гардидан** миёнро бисёр хам кардан; **чорқат зада нишастан** миён хам карда нишастан.

**ЧОРҚАТОРА** چارقطاره иборат аз чор қатор, дорои чор қатор.

**ЧОРҚАТОРӢ** چارقطاری ба тариқи чор қатор, дар шакли чор қатор, дар ҳайати чор қатор.

**ЧОРҚИРРА** چارقرّه дорои чор қирра.

**ЧОРМАҒЗ** چارمغز меваи гирдае бо пӯстлохи сахт, ки дар дарунаш чор пора мағзи серравған дорад: **дарахти чормағз, равғани чормағз;** ◊ **ба сари** *касе* **чормағз шикастан** касеро сахт азоб додан; **бо чормағзи пуч бағал (доман) пур кардан** бо ваъдаҳои дурӯғ фиреб додан, бо гапу сафсата умедвор кардан.

**ЧОРМАҒЗБОЗӢ** چارمغزبازی бозиест, ки бачагон аз масофаи гуногун чормағзи ҳамдигарро бо чормағз нишон мегиранд ва дар сурати ба нишон расидан аз худ мекунанд.

**ЧОРМАҒЗЗОР** چارمغززار боғ ё ҷое, ки дарахти чормағзи бисёр дорад.

**ЧОРМАҒЗРАНГ** چارمغزرنگ ба ранги чормағз; дорои ранги дарахти чормағз.

**ЧОРМЕХ** چارمیخ *таър.* ҷазои давраи амирӣ, ки бандиро ба замин хобонда, дасту пояшро кашида ба чор мех баста, мезаданд.

**ЧОРМОҒАК** چارماغک *бот., ниг.* **шумтол, шунг**.

**ЧОРМОТОРА** چارماتاره дорои чор муҳаррик: **ҳавопаймои чормотора**.

**ЧОРМОҲА** چارماهه 1. ба муддати чор моҳ: **курси чормоҳа, кори чормоҳа**. 2. дарбаргирандаи чор моҳ, дорои замони иборат аз чор моҳ: **кӯдаки чормоҳа**.

**ЧОРМОҲАГӢ** چارماهگی овони чормоҳа будан, ҳангоми моҳи чорумини ҳаёт.

**ЧОРМУҲАРРИКА** چارمحرّکه *ниг.* **чормотора**.

**ЧОРНАЪЛ(А)** چارنعله//چارنعل чорхез, бо суръати тамом; **чорнаъла тохтан** бо суръати тамом тохтани асп.

**ЧОР-НОЧОР** چارناچار хоҳу нохоҳ, ноилоҷ.

**ЧОРОВОЗА** چارآوازه бо иштироки чор овоз; **суруди чоровоза** суруде, ки дар иҷрои он чор овоз иштирок мекунад.

**ЧОРОИНА** چارآئینه *ниг.* **чоройна**.

**ЧОРОЙНА** چارآینه 1. дорои чор оина, чор тарафаш оинадор: **хонаи чороина**. 2. *кӯн.* ҷазои давраи амирӣ, ки ба бадани гунаҳгор 75-чӯб зада мешуд.

**ЧОРОШЁНА** چارآشیانه чорқабата, иборат аз чор ошёна (табақа): **бинои чорошёна**.

**ЧОРПАР** چارپر дорои чаҳор пар, тире, ки чор пар дорад.

**ЧОРПАРА** چارپره 1. иборат аз чор пара, дорои чор пара. 2. *тех.* асбоб, олот ва қисми ягон механизм, ки чор пара дорад.

**ЧОРПАҲЛУ** I چارپهلو 1. он чи чор паҳлу дорад. 2. қадкӯтоҳи фарбеҳ. 3. китфвасеъ, тануманд.

**ЧОРПАҲЛУ** II چارچهلو **:чорпаҳлу задан** *гуфт.* баҳузур дароз кашида ҷой гирифтан, бофароғат дароз кашидан.

**ЧОРПО** چارپا 1. ҳайвоне, ки чор пой дорад. 2. ҳайвоноти хонагӣ, чорво: **чорпоя давидан**.

**ЧОРПОДОР** چارپادار *ниг.* **чорводор**.

**ЧОРПОДОРӢ** چارپاداری *ниг.* **чорводорӣ**.

**ЧОРПОРА** چارپاره 1. як навъи тир, сочмаи туфанги сарбур, ки чоряки гулӯлаи муқаррарӣ аст. 2. як навъ рақс. 3. як ҷуфт занги раққосӣ. 4. номи асбоби мусиқиест, ки аз чор пора васл гардидааст.

**ЧОРПОРАЗАН** چارپاره‌زن 1. навозандаи сози махсус, ки чорпора ном дорад. 2. касе, ки дар тӯй ва маъракаҳо чор чӯбро ба ҳамдигар зада оҳанги мавзун мебарорад.

**ЧОРПОЯ** چارپایه 1. он чи чор поя орад, тез, ба ҳеҷ чиз нигоҳ накарда давидан. 2. мизе, ки чор поя дорад: **мизи чорпоя**. 3. курсӣ.

**ЧОРРАХ(А)** چاررخه//چاررخ он чи чор рах дорад, чорраха; **шишаи чорраха** зарфи шишагии чор тарафаш ҳамвор.

**ЧОРРАҲА** چارره ҷои ҳамдигарро бурида гузаштани якчанд роҳ.

**ЧОРРОҲА** چارراهه *ниг.* **чорраҳа**.

**ЧОРРУКНА** چاررکنه 1. дорои чор рукн; **шеъри чоррукна** шеъре, ки дорои чор рукн аст. 2. *ниг.* **чораркон**.

**ЧОРРӮЗА** چارروزه 1. ба муддати чор рӯз. 2. *маҷ.* кӯтоҳ, кӯтоҳмуддат, гузарон, бебақо.

**ЧОРРӮЗАГӢ** چارروزگی синни мусовӣ ба чор рӯз.

**ЧОРРӮЯ** چاررویه 1. чортарафа, чорпаҳлу. 2. *мат.* чорпаҳлу.

**ЧОРСАД** چارصد *шумораи миқдорӣ*, чор бор сад.

**ЧОРСАДӢ** چارصدی 1. *мансуб ба* **чорсад**. 2. ба тариқи (андозаи) чорсад.

**ЧОРСАДСОЛА** چارصدساله чизе, ки ба будани он чорсад сол шудааст.

**ЧОРСАДСОЛАГӢ** چارصدسالگی зикр ё ёдоварии гузаштани муддати чорсад сол бар чизе.

**ЧОРСАДУМ** چارصدم касе ё чизе, ки рақами тартибиаш чорсад аст.

**ЧОРСАДУМИН** چارصدمین *ниг.* **чорсадум**.

**ЧОРСИНФА** چارصنفه иборат аз чор синф, дорои чор синф: **мактаби чорсинфа**.

**ЧОРСИНФДОР** چارصنف‌دار *ниг.* **чорсинфа**.

**ЧОРСОАТА** چارساعته 1. чор соат давомкунанда. 2. ба муддати чор соат.

**ЧОРСОАТИНА** چارساعتینه *ниг.* **чорсоата**.

**ЧОРСОАТӢ** چارساعتی ба муддати чор соат; ба миқдори чор соат.

**ЧОРСОЛА** چارساله 1. ба синни чор сол расида. 2. дар муддати чор сол, барои чор сол: **кори чорсола**.

**ЧОРСОЛАГӢ** چارسالگی 1. синни чорсола. 2. гузаштани муддати чор сол бар чизе.

**ЧОРСӮ** I چارسو чорроҳа, ҷои ҳамдигарро бурида гузаштани чанд роҳ ё роҳҳои асосӣ.

**ЧОРСӮ** II چارسو бозори болопӯшида, ки дорои чор даромадгоҳ аст.

**ЧОРСӮ** III چارسو 1. миёнбанди гулдӯзӣ, яккабанд. 2. сарандози чоркунҷаи занон.

**ЧОРТАГӢ//ЧОРТОГӢ** چارتگی//چارتاگی он чи аз чор адад иборат бошад: **чортагӣ қалам, чортагӣ дафтар**.

**ЧОРТАРАФА** چارطرفه 1. чорҷониба, ба иштироки чор тараф: **созиши чортарафа**. 2. аз чор тараф; **чортарафа печонда гирифтан** аз чор тараф иҳота кардан.

**ЧОРТАРК** چارترک телпак ё калапӯши чоргӯша, чоркунҷа.

**ЧОРТАРОШ** چارتراش чор тарафаш тарошидашуда: **болори чортарош, чӯби чортарош**.

**ЧОРТАҲ** چارته ба чор қисм таҳ шуда, чорқат карда: **чортаҳ кардан**.

**ЧОРТОБА** چارتابه чор бор тофташуда (*мас., банд, аргамчин*): **банди чортоба**.

**ЧОРТОГӢ** چارتاگی *ниг.* **чортой**.

**ЧОРТОЙ** چارتائی ба миқдори чор, ба андозаи чор.

**ЧОРТОҚ** I چارطاق сақф ё гунбазе, ки ба болои чаҳорпоя сохта шуда бошад.

**ЧОРТОҚ** II چارطاق нишастангоҳи ба болои чор сутун устуворкардаи баланд дар киштзор ё тамошогоҳҳо.

**ЧОРТОР** I چارتار *мус.* асбоби мусиқии кӯтоҳтар аз танбӯр, ки чор тор дорад.

**ЧОРТОР** II چارتار абрешими навъи аъло, ки ресмонаш аз чор тор тофта шуда бошад.

**ЧОРУҒ** چارغ *ниг.* **чоруқ**.

**ЧОРУҚ** چارق пойафзоли бепошнаи дастдӯхт аз чарми хоми гов (*бештар аз пӯсти каллаи гов*), ки бандҳояшро ба соқи по мепеченд.

**ЧОРУҚДӮЗ** چارق‌دوز устои дӯзандаи чоруқ.

**ЧОРУҚДӮЗӢ** چارق‌دوزی шуғли дӯхтани чоруқ.

**ЧОРУҚПӮШ** چارق‌پوش 1. он ки чоруқ пӯшидааст. 2. *маҷ.* камбағал, нодор.

**ЧОРУМ** چارم *шумораи тартибӣ аз* **чор**; **ҳокимияти чорум** васоити ахбори омма, ки яке аз қувваҳои муассири ҷомеа аст.

**ЧОРУМИН** چارمین *ниг.* **чорум**.

**ЧОРУМӢ** چارمی касе ё чизе, ки рақами тартибиаш чорум аст.

**ЧОРФОИЗА** چارفائضه иборат аз чор фоиз, иборат аз чордарсад.

**ЧОРХЕЗ** چارخیز сахт давидани асп, ба чор по сахт тохтани асп.

**ЧОРХИШТ** چارخشت охури аз санг ё хишт сохташуда, ки дар он ангурро зер карда, шираашро мегиранд, чархушт.

**ЧОРХОНА** چارخانه ҳар чизи катакнусха: **нақши чорхона, чити чорхона**.

**ЧОРХОНАГӢ** چارخانگی дорои чор хона; **ҳуҷраи чорхонагӣ** ҳуҷраи (квартираи) иборат аз чор хона.

**ЧОРҲАД** چارحد *кит.* чор тарафи аслӣ: шарқ, ғарб, шимол ва ҷануб.

**ЧОРҲАЗОРА** چارهزاره иборат аз чор ҳазор.

**ЧОРҲАРБА** چارحربه *варз.* намуди варзиш, ки чор навъ мусобиқаро дар бар мегирад.

**ЧОРҲИҶОЙ** چارهجائی *грам.* иборат аз чор ҳиҷо.

**ЧОРҲОКИМ** چارحاکم *таър.* номи чор намояндаи ҳукумат дар аморати Бухоро: қозӣ, раис, амлокдор ва миршаб.

**ЧОРЧАНД** چارچند чор маротиба бештар.

**ЧОРЧАРХА** چارچرخه он чи чор чарх дорад: **аробаи чорчарха**.

**ЧОРЧАШМА** چارچشمه 1. ҳар чизе, ки ба назар чор чашм дорад. 2. хеле бодиққат; **чорчашма шудан** а) ба чизе (касе) бодиққат нигоҳ кардан; б)мунтазир шудан, нигарон.

**ЧОРЧИЛ(Л)А** چارچله *ниг.* **чорзону**.

**ЧОРЧИЛ(Л)ИК** چارچلک 1. гузаронидашуда аз болои ҳам, ба тарзи салиб. 2. асбоби салибмонанди тирдор, ки тоб дода ба он ресмон мепечонанд.

**ЧОРЧИЛ(Л)ИКШАКЛ** چارچلک‌شکل ба шакли чорчиллик, салибнусха.

**ЧОРЧИЛОЛАК** چارچلالک аробаи чорчарха, фойтун.

**ЧОРЧӮБ** چارچوب чор чӯби тарошидаи ба ҳам пайванд, ки дар он дар ё тиреза шинонда мешавад ва ё сурат гузошта мешавад.

**ЧОРЧӮБА** چارچوبه 1. *ниг.* **чорчӯб**. 2. *мач.* доира, ҳудуди амал ё нашъунамои чизе.

**ЧОРЧӮККА** چارچوکه чор пои худро қат карда, хобидани ҳайвонот: **шутурро чорчӯкка шинондан**.

**ЧОРҶИЛДА** چارجلده иборат аз чор ҷилд: **фарҳанги чорҷилда**.

**ЧОРҶОНИБА** چارجانبه *ниг.* **чортарафа**.

**ЧОРҶОЯ** چارجایه дорои ҷой барои чор кас.

**ЧОРШАНБЕ** چارشنبه яке аз рӯзҳои ҳафта, ки байни сешанбе ва панҷшанбе меояд.

**ЧОРШАРБАТ** چارشربت 1. давое, ки аз чор навъ шарбат таркиб ёфтааст. 2. чор навъ ширинӣ ё ҳалвою меваҷот, ки бар лаълӣ рӯи дастурхон мегузоранд.

**ЧОРШОНА** چارشانه 1. касе, ки қадаш кӯтоҳу шонаҳояш паҳну тануманд аст. 2. тануманд, қавиҳайкал, ситабр. 3. номавзун ва бадандом.

**ЧОРШОХА** چارشاخه асбоби оҳании дастадор, ки чор шоха дорад ва барои ғундоштани алафу хасу хошок истифода мешавад.

**ЧОРЯК** چاریک 1. аз чор як ҳиссаи ягон чиз, аз чор як қисми ягон чиз: **чоряки соат, чоряки сол, чоряки роҳ** *ва ғ.* 2. *кӯҳн.* воҳиди вазн, ки ба 2 кг баробар буд. 3. яке аз чор давраи соли таҳсил дар мактабҳои низоми таҳсилоти умумии Тоҷикистон: **чоряки аввал, чоряки чорум**.

**ЧОРЯКАСРА** چاریک‌عصره биступанҷсола.

**ЧОРЯКӢ** چاریکی баҳоҳои ҷамъбастии мактабиён дар яке аз чор давраи соли таҳсил дар мактабҳои низоми таҳсилоти умумӣ.

**ЧОРЯККОР** چاریک‌کار *таър.* он ки замини мулкдорро барои чоряки ҳосилаш кишт мекард.

**ЧОРЯККОРӢ** چاریک‌کاری кишт кардани замини шахсони доро аз тарафи камбағалон ба музди чоряки ҳосили кишт: **чоряккорӣ кардан**.

**ЧОРЯКФИНАЛ** چاریک‌فنل яке аз ҳафт давраи мусобиқоти ниҳоӣ, ки дар он 8 даста ё ҷониб иштирок мекунанд ва баъди хатми он 4 даста ё варзишгари ғолиб мусобиқаро давом медиҳанд; мусобиқоти байни ҳаштякфинал ва нимфинал.

**ЧОРЯКФИНАЛӢ** چاریک‌فنلی *мансуб ба* **чорякфинал**: **бозии чорякфиналӣ**.

**ЧОҲ** چاه 1. чуқурии рост кандашуда, ки аз он об мекашанд, қудуқ. 2. ҳар чуқурӣ, ки канда шуда ё худ ба худ ба вуҷуд омада бошад: **чоҳи нафт, чоҳи артезианӣ, чоҳи ғалла**. 3. *кӯҳн.* зиндон. 4. *кит., мач.* бадбахтӣ, номад. 5. *кит., мач.* хавф, хатар; **чоҳи Нахшаб** чоҳи Муқаннаъ, ки ӯ аз он чоҳ равшание намудор кардааст; **чоҳи хаспӯш** чуқурии рӯяш тунук пӯшида, ки бо нияти ба даст афтондани чизе ё чун воситаи монеа канда мешавад; **ба сари роҳи** *касе* **чоҳ кандан** ба касе қасди бад кардан.

**ЧОҲБУН** چاهبن зери чоҳ, таги чоҳ, буни чоҳ.

**ЧОҲДОР** چاه‌دار он ки дар чоҳ нишаста аст, зиндонӣ, маҳбус.

**ЧОҲКАН** چاه‌کن 1. он ки чоҳ меканад, канандаи чоҳ. 2. *мач.* бадқасд, бадният; **чоҳкан зери чоҳ** (*зарб.*) касе, ки ба дигаре қасди бад мекунад, худ ба мусибат гирифтор мешавад.

**ЧОҲКАНӢ** چاه‌کنی чоҳ кандан, чоҳ кофтан.

**ЧОҲКОВӢ** چاه‌کاوی *ниг.* **чоҳканӣ**.

**ЧОҲСОР** چاه‌سار 1. ҷое, ки чоҳ дар он ҷо бисёр аст. 2. чоҳ; чоҳи бисёр чуқур.

**ЧОҲЧА** چاهچه 1. чоҳи хурд. 2. чуқурие, ки дӯкони бофандагӣ болои вай шинонда мешавад.

**ЧОЧ** چاچ шахре будааст бо камонҳои худ машҳур, дар Тошканд, шаҳри Шош.

**ЧОЧӢ** چاچی *мансуб ба* **Чоч**, умуман ва камони чочӣ хусусан.

**чош** چاش *асоси замони ҳозира аз* **чошидан**.

**ЧОШ I** چاش 1. тӯдаи кӯфтаву ғалбершудаи ғалла. 2. чизи дар як ҷо тӯдашуда: **чошҳои калони пахта; чошу пош; резу чош** паҳну парешон, титу пит; **бе резу чош** нарезондаву начаконда; **чошу пош кардан (додан)** паҳну пароканда кардан, титу пит кардан.

**ЧОШҒАЛБЕР** چاش‌غلبیر ғалбери махсус барои бехтани гандум ва ҷав дар хирмангоҳ.

**ЧОШИДАН** چاشیدن рехтан, пошидан, паро-

канда кардан, пош додан.

**ЧОШНИГИР** چاشنی‌گیر 1. чашанда. 2. *таър.* шахсе, ки мутасаддии чашидани хӯроки подшоҳ ва санҷидани он буд. 3. баҳравар-шаванда, насибахӯр.

**ЧОШНИГИРӢ** چاشنی‌گیری чашидани тамъи таоми подшоҳ ва санҷидани он бо мақсади ошкор кардани заҳролуд будан ё набудани он.

**ЧОШНӢ** چاشنی 1. андаке аз таом ва нӯшиданӣ, ки барои фаҳмидани мазаву санҷидани он ба даҳон мебаранд. 2. намуна: **чошнӣ гирифтан; чошнии субҳ** сапедаи субҳ, аввали субҳ.

**ЧОШТ** چاشت охири ҳиссаи якум аз чор ҳиссаи рӯз, ки вақти паҳн шудани офтоб аст.

**ЧОШТГОҲ** چاشتگاه *ниг.* **чошт; чоштгоҳи калон** қарибии пешин.

**ЧОШТГОҲӢ** چاشتگاهی 1. *мансуб ба* **чоштгоҳ**: **чойнӯшии чоштгоҳӣ**, **хоби чоштгоҳӣ беҳ аз подшоҳӣ** (*мақ.*).

**ЧУ** چو *шакли кӯтоҳи* **чун**; 1. монанди, мисли. 2. ҳамин ки…, даме ки…

**ЧУББИН** چوبّین *ниг.* **чаббин**.

**ЧУБУҚ** چبق асбоби сархонадори тамокукашӣ, ки ба он тамоку андохта оташ медиҳанду мекашанд; **чубуқ кашидан** бо чубуқ тамоку кашидан.

**ЧУБУҚКАШ** چبق‌کش он ки чубуқ мекашад, кашандаи чубуқ.

**ЧУВАШ** چوش *номи* яке аз халқҳои туркзабони сокини Россия, ки асосан дар Чувашистон зиндагӣ мекунанд.

**ЧУВАШӢ** چوشی *мансуб ба* **чуваш**; **забони чувашӣ** забони халқи чуваш, ки ба гурӯҳи забонҳои туркӣ мансуб аст.

**ЧУВВАС//ЧУВВОС** چوّس//چوّاس овози баланди борики гурӯҳи ягон чиз ё бачагон: **чуввас задан, чуввас кардан**.

**ЧУВВАСЗАНӢ** چوّس‌زنی ғалоғула барпо кардан, овози борик баровардани гурӯҳи парандагон, бачагон *ва ғ.*

**ЧУГУТ** چگوت ҳуштаке, ки тавассути он сайдро ба назди сайёд мехонанд.

**ЧУҒ** چغ пораи ангишти фурӯзон (*аз ангиштсанг ё аз чӯб*), лахчаи оташ.

**ЧУҒАЛ** چغل либоси ҷангӣ, ҷавшан, навъе аз силоҳ, ки ҳангоми ҷанг мепӯшиданд; зиреҳ, ҷомае, ки аз ҳалқаҳои оҳанин тартиб дода шудааст.

**ЧУҒЗ//ЧУҒД** چغز//چغد 1. парандаест аз бум хурдтар ва бадовоз, ки онро маъмулан манҳус ва бехосият мешуморанд. 2. кунгура, ҳисор, қалъа.

**ЧУҒУ** چغو гунҷишк, чумчуқ.

**ЧУҒУЛ** چغل *гуфт.* суханчин, хабаркаш, ғайбаткунанда, моҷароҷӯ.

**ЧУҒУЛӢ** چغلی хабаркашӣ, ғайбат, иғвогарӣ; розу асрори касеро ифшо кардан: **чуғулӣ кардан**.

**ЧУҒУЛХӮР** چغل‌خور суханчин, хабаркаш, касе, ки бо хабаркашӣ умр ба сар мебарад.

**ЧУҒУНДАР** چغندر лаблабу.

**ЧУҒУР-ЧУҒУР** چغرچغر *калимаи тақлиди овоз аз қабили* садои мурғон.

**ЧУҒУРЧУҚ** چغرچق 1. *зоол.* навъе парандаест аз оилаи гунҷишк. 2. *маҷ.* зани серманаҳ, зани серҷоғ.

**ЧУК I** چوک олати таносули тифлон.

**ЧУК II** چک 1. зону задан, ба зону нишастан. 2. зону задани шутур.

**ЧУКБУР** چکبور устое, ки маросими хатнаи тифлонро ба ҷой меорад.

**ЧУКБУРӢ** چکبوری шуғли касе, ки тифлонро хатна мекунад.

**ЧУКБУРОН** چکباران қисми маросими тӯи суннатӣ, ки ҳангоми он тифлро хатна мекунанд.

**ЧУКРӢ** چکری *бот.* растании хӯрданибоби паҳнбарги ғафспоя, ки аввали баҳор дар кӯҳҳо мерӯяд ва дар тиб, қаннодӣ истифода мешавад, ревоҷ, ревос.

**ЧУҚУР** چقور *гуфт.* 1. амиқ, жарф: **чоҳи чуқур**. 2. ҳаматарафа: **чуқур омӯхтан**.

**ЧУҚУРИКОВӢ** چقوری‌کاوی кофтани жарфо, гӯдол, чоҳ.

**ЧУҚУРӢ** چقوری 1. ҷои фурӯрафта ё канда-

шуда, ҷои аз сатҳи муқаррарӣ поён ва паст, чуқур. 2. умқ, амиқӣ, жарфо.

**ЧУҚУРОБ** چقورآب **:замини чуқуроб** замине, ки аз сатҳи об пасттар қарор дорад.

**ЧУҚУРРАВӢ** چقورروی фурӯ рафтан ба умқ, дохил шудан ба умқ.

**ЧУҚУРРАФТА** چقوررفته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **чуқур рафтан**. 2. ба умқ расида, фурӯрафта.

**ЧУҚУРЧА** چقورچه *шакли мусаггари* **чуқур**; чуқурии хурд.

**ЧУЛАК** چولک *лаҳҷ.* 1. таноби абрешим, ресмон. 2. калоба.

**ЧУЛБУЛА** چلبله 1. *лаҳҷ.* шитоб, изтироб, беқарорӣ. 2. шитобкор, музтариб, шитобзада.

**ЧУМАК** چمک нӯли офтоба, ҷумаки чойник *ва г.*

**ЧУМОҚ** *т.* چماق гурзи оҳанине, ки шаш пара дорад, шашпар.

**ЧУМЧА** چمچه қошуқ.

**ЧУМЧУҚ** *т.* چمچق *лаҳҷ.* гунҷишк: **аз чумчуқ тарсӣ, арзан накор** (*зарб.*).

**ЧУН** چون *пайвандак* азбаски, бинобар ин ки, аз сабаби он ки. 2. вақте ки, ҳангоме ки, ҳамин ки. 3. агар, гар. 4. чӣ гуна, чӣ тавр, чӣ хел; **чуну чаро** а) баҳс, мунокиша; б) суол, пурсуҷӯ; **чуну чаро гуфтан** баҳс кардан, сабаб пурсидан; **бе чуну чаро** бе ҳеҷ гап, бешубҳа, ҳатман. 5. мисли, монанди, ҳамчун. 6. мувофиқи, аз рӯи.

**ЧУНА** چونه хамири ба андозаи як нон буридашуда, завола, гирдаи хамир.

**ЧУНБА** چنبه 1. чӯбдаст, калтак, таёқ. 2. чӯбе, ки занон дар вақти ҷомашӯӣ бо он либосро мекӯбанд. 3. чӯбе, ки аз паси дар гузошта мешавад. 4. *маҷ.* одами ғафси дағал.

**ЧУНБАК** چنبک 1. оҳанрабо, санги оҳанрабо, миқнотис. 2. ҷасту хез, ҷунбидан.

**ЧУНГ** I چنگ сухан ва гуфтор; *ниг.* **чунгидан**.

**ЧУНГ** II چنگ 1. киштии бузург. 2. ҷиҳози фаровон.

**ЧУНГ** III چنگ аз замин дона чидани мурғон.

**ЧУНГ** IV چنگ *лаҳҷ.* дурушт.

**ЧУНГУРАК** چنگرک *лаҳҷ.* чангак, печалак; **чунгурак шудан** чангак шудан, печалак задан; **чунгурак шиштан** бо ду зону, нӯги ду пой нишастан.

**ЧУНДАК** چندک *лаҳҷ.* сархонаи чизе, нӯги кунгурадори чизе: **чундаки манора**.

**ЧУНДАР** چندر *мухаффафи* **чуғундар**, лаблабу.

**ЧУНИН** چنین ин тавр, ин гуна, ин хел, мисли ин, монанди ин.

**ЧУНӢ** چونی чигунагӣ, кайфият.

**ЧУНКИ** چنکه *пайвандак* зеро ки, азбаски, барои ин ки.

**ЧУНОГ** چناگ қафас, қафаси мокиён.

**ЧУНОН** چنان 1. он гуна, ҳамон тавр, он тавр. 2. ба дараҷае, он қадар, ба ҳадде. 3. тавре, ба тарзе. 4. пайваста, паёпай, бетанаффус, лоянқатъ; ◊ **чунону чунин** а) ону ин, фалону баҳмон, ину он; б) таҳқиру тазлил, дашноми қабеҳ.

**ЧУНОНКИ** چنانکه он гуна ки…, тавре ки…, монанди он ки…, мисли он ки…

**ЧУНОНЧИ** چنانچه он тавр ки…, он гуна ки…, масалан.

**ЧУНОНЧУН** چنانچون 1. чунонки, ҳамчунонки, ба монанди, мисли. 2. он гуна, он сон, ба тавре ки.

**ЧУППИН** چپّین *ниг.* **чаббин**.

**ЧУРАК** چرک навъи ноне, ки хоси мардуми Кавказ аст.

**ЧУРБАК** چربک 1. дурӯғи ростмонанд, дурӯғ. 2. иғво, суханчинӣ, дурӯягӣ; тӯҳмат, бӯҳтон.

**ЧУРГАР** چرگر 1. муфтӣ, фатводиҳанда. 2. пешнамоз, имом.

**ЧУРРА** I چرّه *тиб.* боди фатақ, дабба.

**ЧУРРА** II چرّه чолок, чаққон, тезгард.

**ЧУРРАК** چرّک ҳуштак; **чуррак кашидан** сахт ҳуштак кашидан.

**ЧУРТ** چرت ғанаб, пинак, ҳолати байни хобу бедорӣ, нимхобӣ.

**ЧУРУК** چروک *лаҳҷ.* 1. фарсуда, ба даридан

наздикшуда. 2. хаста, азҳолрафта.

**ЧУРУҚҚОС** چروقّاس *калимаи тақлиди овоз*, ки чириқ-чириқи парандагонро ифода мекунад.

**ЧУСТ** چست 1. чақон, чобук, чолок; **чусту чолок** хеле чақон, чусту чобук. 2. зуд, тез, басуръат.

**ЧУСТАК** چستک анбӯри хурди нӯгборики ҳамвор, ки бо он қисмҳои хеле резаро ҷо ба ҷо мекунанд.

**ЧУСТӢ** I چستی 1. чолокӣ, чобукӣ, чаққонӣ. 2. ҳушёрӣ.

**ЧУСТӢ** II چستی *мансуб ба* **Чуст**, ки мавзеест дар водии Фарғона: **тӯппии чустӣ**.

**ЧУСТХЕЗ** چستخیز ҷаҳанда, тезрафтор, чобукрав.

**ЧУСУНЧА** چسونچه *шакли тағйирёфтаи* чесунча, *ки матои сафеди зардтоби абрешимӣ аст.*

**ЧУФТ** چفت танг, часпон, зич.

**ЧУХА** چخه *ниг.* **чухо**.

**ЧУХО** چخا як навъ либоси пашмини кӯтоҳи беостин; як навъ ҷомаи насрониён.

**ЧӮБ** چوب 1. тана, навда ва шохаи ғафси дарахт, ки баъд аз буридан барои сӯзишворӣ, бинокорӣ ва сохтани чизҳои дигар истифода мешавад. 2. чӯбдаста, калтак. 3. қуфл, ғалақаи дар, занҷиру зулфини дар. 4. калтак; адабчӯб; қамчин: **то набошад чӯби тар, фармон нагирад гову хар** (*зарб.*). 5. *маҷ.* хароб, хушк, лоғар: **хирс мулло мешавад аз зарби чӯб** *(зарб.)*; **чӯбу чахс** *гуфт.* ҳезуммайда, чӯбҳои майда-чуйдаи шикаста; **чӯб хӯрдан** бо чӯб зада шудан, шатта хӯрдан; **ба сари** *касе* **чӯб шикастан** ҷазо додан, сахт азоб додан касеро; **гӯру чӯб кардан** дафн кардан мурдаро; **чӯби тар ба** *касе* **фурӯхтан** *касеро* фиреб додан; **чӯби нармро кирм мехӯрад** ба одами нарму бурдбор озор бештар мерасад; **чӯб пеши** *касе* **гузошта** ба касе монеае сохтан; **чӯби сӯрохи занбур** иғвогар, шӯрангез; **чӯби Мӯсо** *киноя аз* асои Мӯсо пайғамбар; **чӯби худо садо надорад, ҳар ки хурад, даво надорад** (*зарб.*).

**ЧӮБА** چوبه 1. тири тахтаи ош, ки бо вай хамирро тунук мекунанд. 2. чӯби чизҳои дигар, ки он чизҳо ба он чӯб шинонда ё баста мешавад: **чӯбаи байрақ, чӯбаи дор**.

**ЧӮБАК** چوبک *гуфт.* чӯбчае, ки бо онҳо нақора менавозанд.

**ЧӮБАКЗАН** چوبکزن 1. пондори шабгард, ки шақиллоқ зада посбонӣ мекунад. 2. *маҷ.* ғайбаткунанда, паҳнкунандаи овозаҳои росту дурӯғ.

**ЧӮББАНДӢ** چوببندی 1. девора ё монеаи аз чӯб сохташуда. 2. қисми бо чӯб мустаҳкам кардашудаи кӯпрук, хона ва монанди инҳо. 3. пояҳои чӯбин ё оҳании болои ҳам басташуда, ки барои сохтан ё таъмири иморат муваққатан шинонда мешавад.

**ЧӮББОЗ** چوبباز он ки болои пои чӯбин бозӣ мекунаду мерақсад.

**ЧӮББОЗӢ** چوببازی ба бадан пои чӯбин баста, бозӣ кардани бозингар.

**ЧӮББУР** چوببر он ки чӯб мебурад.

**ЧӮББУРӢ** چوببری буридани чӯб: **корхонаи чӯббурӣ**.

**ЧӮБГАЗ** چوبگز *кҳн.* чӯби андоза барои чен кардани дарозӣ ва масофа.

**ЧӮБГАРӢ** چوبگری коркард ва истеҳсоли чӯб: **саноати чӯбгарӣ**.

**ЧӮБДАСТ** چوبدست асо, таёқ; калтак.

**ЧӮБДАСТА** چوبدسته 1. *ниг.* **чӯбдаст**. 2. дастаи чӯбини ягон олат.

**ЧӮБДОР** چوبدار *ниг.* **калтакдор**.

**ЧӮБЗАН** چوبزن он ки чӯб мезанад, ҷазодиҳанда бо чӯб.

**ЧӮБЗАНӢ** چوبزنی задан (ҷазо додан) бо чӯб.

**ЧӮБИН** چوبین он чи аз чӯб бошад, ҳар чизи аз чӯб сохташуда: **кати чӯбин, сандуқи чӯбин, мехчаи чӯбин; пои чӯбин** пои сунъӣ; **аспи чӯбин** *маҷ.* тобут.

**ЧӮБКАДУ** چوبکدو навъи каду, ки пӯсти ғафси сахт дорад ва онро ба сифати зарф барои андохтани об ва чизҳои моеъ истифода мекунанд.

**ЧӮБКАШ** چوبکش мошине, ки барои интиқоли чӯб таъйин гардидааст.

**ЧӮБКАШӢ** چوبکشی интиқоли чӯб ва масолеҳи чубӣ.

**ЧӮБКОР** چوبکار он ки аз чӯб ҳар гуна лавозимот месозад.

**ЧӮБКОРӢ** چوبکاری 1. аз чӯб сохташуда, сохтмоне, ки дар он чӯб истифода шудааст. 2. дуредгарӣ, аз чӯб чизе сохтани дуредгар. 3. задан бо чӯб; задан бо калтак; **чӯб кардан** бо чӯб ё калтак лат кардан. 4. *мач*. суст, холӣ, беасос: **айбномаи тагаш чӯбкорӣ**.

**ЧӮБМОНАНД** چوبمانند шабеҳи чӯб, чизе, ки ба чӯб монандӣ дорад.

**ЧӮБПОРА** چوبپاره пораи аз чӯб кандашуда, тароша, параха.

**ЧӮБРОСТ** چوبراست *кит., бот.* извичи печон, гиёҳи часпандаву печон, ки дар иқлими ҷануб парвариш меёбад, лиана.

**ЧӮБРОҲА** چوبراهه мавзеъ ва роҳе, ки бо он чӯбҳои буридашударо ба минтақаи интиқолпазир мерасонанд.

**ЧӮБСО(Й)** چوبسا(ی) асбоби оҳанин барои соидан ва суфта кардани чӯб; сӯҳони чӯб.

**ЧӮБТАРОШ** چوبتراش *гуфт*. дуредгар.

**ЧӮБТАРОШӢ** چوبتراشی *гуфт*. дуредгарӣ.

**ЧӮБТОРА** چوبتاره *лаҳҷ*. 1. шипанги бо ходачаҳо ё чӯб пӯшидашуда. 2. қисми хона аз шифт то бом, чортоқ; чердак.

**ЧӮБХӮРАК** چوبخورک *зоол*. 1. ҳашаротест, ки чӯбро хӯрда сурох-сӯрох мекунад, мӯрёна. 2. ҷонварест, ки қисмҳои чӯбии киштӣ ва бандарро хӯрда нобуд мекунад, мӯрёна, чӯбхора; **мӯрёна ҳама чизи хонаро хурад, ҷуз ғами соҳиби хона** (*зарб.*).

**ЧӮБХӮРДА** چوبخورده бо чӯб задашуда, калтакхӯрда.

**ЧӮБЧА** چوبچه *шакли мусаггари* **чӯб**, чӯби хурд.

**ЧӮБЧАК** چوبچک чӯбҳои хурду резу шикаста барои сӯзондан.

**ЧӮБШАВӢ** چوبشوی раванди мубаддал гаштан ба чӯб.

**ЧӮБШИНОС** چوبشناس касе, ки дар шинохтани анвои чӯб мутахассис аст, шиносандаи чӯб.

**ЧӮБШИНОСӢ** چوبشناسی илм дар бораи чӯб ва анвои он.

**ЧӮЗА** چوزه *ниг.* **чӯҷа**.

**ЧӮК(К)А** چوکه *гуфт*. ҳолати ба зону истодан; **чӯкка задан** ба зону истодан; **чӯкка зада нишастан** ба зону нишастан.

**ЧӮКИДА** چوکیده ба таг нишаста, фурӯрафта: **чашмони чӯкида**.

**ЧӮКИДАН** چوکیدن 1. фурӯ рафтан. 2. *мач*. хамидан, паст шудан.

**ЧӮК(К)ОНДАН** چوکاندن ба зону шинондан.

**ЧӮЛ** چول дашт, биёбон, саҳрои беоб.

**ЧӮЛИСТОН** چولستان биёбони васеъ, дашти холӣ ва беодаму беоб.

**ЧӮЛӢ** چولی *мансуб ба* **чӯл**; биёбонӣ.

**ЧӮЛМАРГ** چولمرگ *гуфт*. 1. фавтида дар чӯл. 2. *мач*. сарсон, саргардон.

**ЧӮЛОҚ** *т.* چولاق *гуфт*. 1. он ки мелангад, ланг. 2. маъюб (*мас.*, *досташ аз кор баромада*).

**ЧӮЛПӢ** چولپی *ниг.* **чавлӣ**.

**ЧӮНГ** چونگ *гуфт*. 1. дароз, қадбаланд. 2. дағал, ноҳамвор, номавзун.

**ЧӮПОН** چوپان нигаҳбон ва чаронандаи рамаи гӯсфанд ва буз, шубон, рамабон, подабон.

**ЧӮПОНБАЧА** چوپانبچه бачае, ки шубонӣ мекунад, рамабони ҷавон.

**ЧӮПОНӢ** چوپانی 1. кори чӯпон, рамабонӣ, даҳмардагӣ; **чӯпонӣ кардан** чӯпон шуда кор кардан, бо касби чӯпонӣ машғул будан. 2. *мансуб ба* **чӯпон**; мутааллиқ ба чӯпон: **калтаки (чӯбдастаи) чӯпонӣ, наи чӯпонӣ, саги чӯпонӣ**.

**ЧӮПОНПИСАР** چوپانپسر писарбачае, ки чӯпон бошад, чӯпони ҷавон.

**ЧӮПЧИЛЛА** چوپچلّه *боф*. чиллаи торҳои барои бофтан тайёршуда.

**ЧӮРИГӢ** چوریگی чӯрӣ будан, канизӣ.

**ЧӮРӢ** چوری ғуломзан, канизак.

**ЧӮРТАКИГӮЙ** چورتکیگوی *гуфт*. касе, ки беибо, лучу пӯстканда гап мезанад.

**ЧӮТ** چوت 1. асбоби чоркунҷаи симу мӯҳрадор барои ҳисобу китоб. 2. шакли дигаргуншудаи калимаи русии «счет»; **чӯт задан** ҳисоб кардан.

**ЧӮТАЛ** چوتل пуле, ки дар сари қимор аз бурд ва касони берун аз бозӣ медиҳанд; **чӯт гирифтан** аз бурди қимор ҳисса гирифтан (бидуни иштирок дар бозӣ).

**ЧӮТАЛГИР** چوتل‌گیر он ки чӯтал мегирад.

**ЧӮТАЛПУЛӢ** چوتل‌پولی пули чӯтал.

**ЧӮТЗАН** چوت‌زن касе, ки бо чӯт амал иҷро мекунад.

**ЧӮТКА** *р.* چوتکه олати аз мӯй ё қил басташуда, ки барои тоза кардани либос ё чизи дигар ва барои молидани ранг *ва г.* истифода мешавад, ки он шакли дигаргуншудаи калимаи русии «щетка» мебошад: **чӯтка задан, бо чӯтка тоза кардан, бо чӯтка молидан**.

**ЧӮТУР** چوتور *лаҳҷ., гуфт.* оне, ки рӯяш доғи нағзак дорад, он ки бар рӯяш доғҳои нағзак боқӣ мондааст: **одами чӯтур, рӯи чӯтур**.

**ЧӮТУРӢ** چوتوری чӯтур будан.

**ЧӮҶА** چوجه бачаи мург, мурғбача, дурусташ ҷӯҷа; **чӯҷа баровардан** аз тухми хобондашуда чӯҷа баровардан; **чӯҷа хобонидан** зери мурғи курк барои чӯҷа баровардан тухмҳоро гузоштан: **чӯҷаро дар тирамоҳ мешуморанд** (*мақ.*).

**ЧӮҶАБАРОРАК** چوجه‌برارک *ниг.* **ҷӯҷабарорак**.

**ЧӮҶАБАРОРӢ** چوجه‌براری *ниг.* **чуҷабарорӣ**.

**ЧӮҶАХУРӮС** چوجه‌خروس хурӯсчӯҷа, хурӯси ҷавон.

**ЧӮЯН** چوین 1. гудохтаи маъдании оҳан омехта бо углерод, ки аз пӯлод нозук буда, дар саноат ашёи муҳим ҳисоб меёбад: **чӯян гудохтан, чӯян рехтан**. 2. аз чӯян сохташуда: **деги чӯян**.

**ЧӮЯНГУДОЗ** چوین‌گداز он ки чӯян мегудозад.

**ЧӮЯНГУДОЗӢ** چوین‌گدازی гудохтани чӯян, об кардани чӯян.

**ЧӮЯНИН** چوینین чизе, ки аз чӯян аст.

**ЧӮЯНӢ** چوینی *мансуб ба* **чӯян**; аз чӯян сохташуда: **деги чӯянӣ, офтобаи чӯянӣ, бухории чӯянӣ**.

**ЧӮЯНПОРА** چوین‌پاره пораи чӯян, резаи чӯян.

**ЧӮЯНРЕЗ** چوین‌ریز он ки чӯянро об карда ба қолаб мерезад, рехтагар.

**ЧӮЯНРЕЗА** چوین‌ریزه заррахо ва пораҳои хурди чӯян.

**ЧӮЯНРЕЗӢ** چوین‌ریزی 1. об кардани чӯян. 2. ба қолаб рехтани олоти чӯянӣ.

# Ҷ

**Ҷ** *ҳарфи сиюми алифбои ҳозираи тоҷикӣ; дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ ҳарфи* чим (ج); *дар ҳисоби абҷад ба адади 3 баробар аст.*

**ҶАБАЛ** *а.* جبل кӯҳ; **ҷабали росих** кӯҳи устувор, кӯҳи побарҷо.

**ҶАБАЛӢ** جبلی *мансуб ба* **ҷабал**; кӯҳистонӣ, кӯҳӣ.

**ҶАБ(Б)АНДА** حبنده хосияти он чизе, ки чизи моеъро ба худ кашида мегирад.

**ҶАБАРИЯ** *а.* جبریه *д.* фирқае (мазҳабе) аз ислом, ки ба эътиқоди пайравони ин фирқа тамоми корҳои инсон бе ихтиёр ва иродаи ӯ ба хости Худо рӯй медиҳад.

**ҶАБАРӢ//ҶАБРӢ** جبری *мансуб ба* **ҷабария**.

**ҶАБАРУТ** *а.* جبروت *кит.* қудрат, азамат, бузургӣ.

**ҶАББА** جبّه *ниг.* **ҷубба**.

**ҶАББИДАН** جبّیدن *ниг.* **ҷабидан**.

**ҶАББОР** *а.* جبّار 1. соҳиби тавоноӣ, соҳиби қудрат (*сифати Худо*); **ҷонро ба ҷаббор супоридан** *кинояаз* мурдан. 2. ҷабркунанда, зулмкунанда, золим.

**ҶАББОРӢ** جبّاری 1. соҳибиқтидорӣ, тавоноӣ. 2. зулму ҷабркунандагӣ; зӯроварӣ.

**ҶАБҒАТ//ҶАБҒУТ** جبغت//جبغوت латта, пахта, пашм *ва г.*, ки ба даруни кӯрпа, болишт ва монанди он меандозанд.

**ҶАБДУҚ** جبدق *гуфт.* олати зинат, бештар барои асп: **ҷабдуқи нуқракӯб**; **ҷабдуқи сафарро муҳайё кардан** тайёрии сафарро дидан.

**ҶАБИДАН** جبیدن ба худ кашида гирифтан (обро, намиро), макида гирифтан.

**ҶАБИН** *а.* جبین пешонӣ, ҷабҳа, носия; **ҷабин пурчин кардан** бадқаҳр шудан, хафа шудан; **аз ҷабин чин кушодан** чеҳра кушода кардан, аз қаҳр фуромадан; **арақи ҷабин рехтан** бисёр меҳнат кардан, арақ рехта кор кардан; **бо арақи ҷабин ёфтан** бо меҳнати бисёр ба даст овардан (чизеро).

**ҶАБИНГИРИФТА** جبین‌گرفته туршрӯй, қаҳрӣ, бадқавоқ; ғамгин.

**ҶАБИРА** I جبیره **:ҷабира шудан** ҷамъ шудан, гирд омадан.

**ҶАБИРА** II *а.* جبیره *кит., д.* вузӯ ё ғусл, ки дар он агар ҷое аз аъзои бадан ҷароҳат ё захме дошта бошад, бе расонидани об ба ҷои ин захм ғусл ё таҳорат кардан мумкин аст.

**ҶАБ(Б)ИШ** جبش *ниг.* **ҷабидан**.

**ҶАБОБИРА** *а.* جبابره 1. *ҷ.* **ҷаббор**. 2. тоғиён, гарданкашон, исёнгарон. 3. нирумандон, қавиён, зӯрмандон, бақувватон.

**ҶАБОН** *а.* جبان тарсу, тарсончак, буздил.

**ҶАБОНАТ** *а.* جبانت тарсончакӣ, буздилӣ; тарс.

**ҶАБР** I *а.* جبر 1. касеро бо зӯр ба коре водор кардан. 2. зулм, ситам, зӯрӣ, ҷавр; **ҷабру зулм** зулму ситам; **ҷабр дидан** ситам кашидан, зулм дидан; **ҷабр кардан** зулму ситам кардан; **ҷабр шудан дар ҳаққи** *касе* беадолатӣ нисбат ба касе, зӯр афтодан ба касе; **ба ҷони худ ҷабр кардан** ба худ ситам кардан, худро ба азоб мононадан.

**ҶАБР** II *а.* جبر 1. *кит.* устухонбандӣ кардан. 2. *кит.* дуруст кардан, ба ҳоли аввала овардан.

**ҶАБР** III *а.* جبر илми ҷабр, алҷабр, алгебра.

**ҶАБРАИЛ** *а.* جبرئیل *д.* номи яке аз фариштагон, ки оварандаи ваҳйи илоҳӣ ба пайғамбарон аст.

**ҶАБРАН** *а.* جبراً бо зӯрӣ, бо зулму ситам зӯран маҷбуран.

**ҶАБРДИДА** جبرديده 1. ситамкаш, мазлум, ситамдида. 2. зарардида, ранҷдида.

**ҶАБРИЯ** *а.* جبريه :**қувваи ҷабрия** қувваи маҷбуркунандаи ҳокима.

**ҶАБРӢ** جبرى *ниг.* **ҷабарӣ**.

**ҶАБРКУНАНДА** جبركننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **ҷабр кардан**. 2. ситамкунанда, золим, ҷобир.

**ҶАБРПЕША** جبرپيشه золим, ҷафокор, ситамгар.

**ҶАБРРАСИДА** جبررسيده *ниг.* **ҷабрдида**.

**ҶАБУН** جبون *кҳн.* тарсончак.

**ҶАБҲА** I *а.* جبهه пешонӣ, ҷабин; **ҷабҳаи пурчин** пешонаи чиндор.

**ҶАБҲА** II *а.* جبهه 1. хатти пеши ҷанг; майдони пеши ҳарбу зарб; **ҷабҳаи меҳнат (кор)** саҳни меҳнат. 2. соҳа, арса.

**ҶАБҲАСОӢ** جبهه‌سائى пешонӣ ба замин мондан, саҷда кардан, изҳори итоат.

**ҶАВ** I جو ғаллае, ки бештар ба чорпоён медиҳанд ва аз ордаш нон ҳам мепазанд; **орди ҷав; ҷави баҳорӣ** ҷаве, ки баҳор кишт мешавад; **ҷави тирамоҳӣ** ҷаве, ки дар тирамоҳ кишт мегардад; **ҷаве, як ҷав** каме, андаке, ба қадри як ҷав; **аз охури баланд ҷав хӯрдан** бо имтиёз зиндагӣ кардан, ба зиндагии имтиёзнок одат кардан; **як ҷав наарзидан** ҳеҷ арзиш надоштан; **ҳисоб ҷав-ҷав, бахшиш лаг-лаг** (*зарб.*) ҳисоби аниқ дар ҷои худ, бахшиш ҳам ба ҷои худ; ҷав-ҷав *маҷ.* кам-кам.

**ҶАВ** II **//ҶАВВ** *а.* جو *кит.* қабати ҳаво, ки Заминро иҳота кардааст, фазо, атмосфера; **ҷавви ҳаво** байни замину осмон.

**ҶАВБЕД** جوبيد як навъ беди ҷӯбаш сахт: **асои ҷавбед**, **ҷӯбдасти ҷавбед**.

**ҶАВБЕДӢ** جوبيدى аз ҷӯби ҷавбед сохташуда: **асои ҷавбедӣ**.

**ҶАВВОЛ** *а.* جوّال 1. ҷавлонкунанда. 2. *маҷ.* ҷаҳанда.

**ҶАВВОЛА** *а.* جوّاله *кит.* ҷаҳанда; гирдгарданда; машъали фурӯзони даврзананда, ки мисли доираи оташ менамояд.

**ҶАВГИР** جوگير *лаҳҷ.* иллати пои асп, ки дар натиҷаи тасфи аспро хунук накарда бо ҷав сер кардани он пайдо мешавад.

**ҶАВДАРАВ** جودرو вақти расидани ҷав ва дарави он, замони дарави ҷав.

**ҶАВДАРАВӢ** جودروى *ниг.* **ҷавдарав**.

**ҶАВДАТ** *а.* جودت некӣ, хубӣ, некӯ шудан; фазилат, бартарӣ.

**ҶАВДОН** جودان *кит.* доғ ва лаккаи сиёҳранг дар дандони асп ва дигар чорпоён, ки аз рӯи он синну соли онҳоро муайян мекунанд.

**ҶАВДОНА** جودانه 1. *кит., бот.* навъи бед, ки аз ҷӯби он дастаи белу каланд месозанд. 2. як навъ бофт дар бофандагӣ, ки монанди донаи ҷав аст. 3. *кит.* навъи кофури муаттар ва марғуб.

**ҶАВДОР** جودار 1. гандуми сиёҳранги борик, ки дар байни гандумпоя мерӯяд. 2. навъе аз ғаллаи ҷавмонанд, ки ба чорпоён медиҳанд ва аз ордаш нон низ мепазанд.

**ҶАВЗ** جوز 1. *кит., муарраби* **гавз**; чормағз; **ҷавзи бӯё** ҷавзи мускат; **ҷавзи ҳиндӣ** норгил, чормағзи ҳиндӣ. 2. навъе аз ангури сафеди ба зардӣ моили хеле ширин: **ангури ҷавз**.

**ҶАВЗАК** جوزک хекиртак, қуртак.

**ҶАВЗБУН** جوزبن дарахти чормағз.

**ҶАВЗИНА** جوزينه ҳалвои чормағздор.

**ҶАВЗӢ** جوزى *мансуб ба* **ҷавз**; ба ранги чормағз, чормағзӣ.

**ҶАВЗО** *а.* جوزا *нуҷ.* 1. номи бурҷи сеюм аз дувоздаҳ бурҷи фалак, Дупайкар. 2. яке аз моҳҳои шамсӣ (23 май–24 июн), ки мавсими даравии ҷаву гандум аст.

**ҶАВЗОР** جوزار ҷое, ки ҷав коштаанд, майдони кишти ҷав.

**ҶАВИН** جوين *мансуб ба* **ҷав**; аз ҷав пухташуда: **нони ҷавин**.

**ҶАВӢ** جوى *ниг.* **ҷавин**.

**ҶАВКӮБ** جوكوب кӯфташуда, майдашуда, резашуда, ҷави кӯфта, ҷави кӯбида шуда.

**ҶАВҚ** *а.* جوق *кит.* гурӯҳ, тӯда, дастае аз мар-

дум; села.

**ҶАВЛАҚ** جولق *муарраби* **ҷавлах**.

**ҶАВЛАҚӢ** جولقی *муарраби* **ҷавлахӣ**.

**ҶАВЛАХ** جولخ *кит.* матои пашмин, ки аз он хӯрҷину ҷувол медӯзанд.

**ҶАВЛАХӢ** جولخی *кит.* ҷавлахпӯш, пашминапӯш, қаландари жандапӯш.

**ҶАВЛОН** *а.* جولان 1. ҳаракатҳои пай дар пай, ҷунбиши пай дар пай, тоб хӯрда ҳаракат кардан. 2. давидан, тохтан, тез ҳаракат кардан; **мардро майдон нишон медиҳад, харро ҷавлон** (*мақ.*). 3. ҳаракати тез, хез кардан. 4. рафтори хиромон; **ҷавлон рафтан** хиромон рафтан; **ҷавлон додан** ба ҳар тараф ҳаракат додан, гирд гардондан; **ҷавлон задан** а) тоб хӯрда ҳаракат кардан, хез кардан; б) гирд гаштан, давр задан; в) давидан, тохтан, ҳуҷум кардан; **ҷавлон кардан (намудан)** а) ҳаракатҳои сахт ва тез кардан; б) тоб хӯрда давидан, гирд гашта ҳаракат кардан; в) сахт давидан, ҳуҷум кардан; **ба ҷавлон даромадан (омадан)** тез ҳаракат кардан, тез ва паи ҳам ҷунбидан.

**ҶАВЛОНГАР** جولانگر ҷавлонкунанда, ҳаракаткунанда.

**ҶАВЛОНГАҲ//ҶАВЛОНГОҲ** جولانگه//جولانگاه ҷои ҷавлон кардан, ҷои ҳаракат, майдони ҳаракат ва давидан.

**ҶАВЛОНШИТОБ** جولانشتاب *кит.* зудсайр, тезҳаракат.

**ҶАВМАСТ** جومست бо ҷав парваришёфта, ҷав хӯрда қувватгирифта, масти ҷав: **аспи ҷавмаст**, **хари ҷавмаст**.

**ҶАВОБ** *а.* جواب 1. сухан ё гапе, ки дар посухи (*ё* ба ивази) пурсише гуфта мешавад, посух; **суолу ҷавоб** пурсишу посух: **ҷавоби хаттӣ, ҷавоби шифоҳӣ**. 2. пайравӣ, назира (ба ягон шеър, ғазал *ва ғ.*); **ҷавоб гуфтан** а) посух додан ба пурсиши касе; б) назира навиштан ба шеъри касе. 3. муқобилат ба кор ё ба сухан; **ба ҷавоби…**, **дар ҷавоби…** дар ивази, дар посухи, дар муқобили... 4. *маҷ.* ҳисоб, ҳисобот (барои амали худ, барои кирдору рафтори худ): **ҷавоби кирдори худ, ҷавоби рафтори худ**; **ҷавоб гардондан** а) ҷавоб додан; б) ҳамроҳ шудан, пайравӣ кардан, дастгирӣ кардан кори касеро; в) муқобилат кардан; **аз ҷавоб оҷиз омадан** гапи ҷавобӣ ёфта натавонистан; **ба салом ҷавоб додан**, **ҷавоби саломро гардонидан** алайк гуфтан; **ба талаб(от) ҷавоб додан** мувофиқи талаб(от) будан, талаб(от)ро қонеъ кунондан; **ҷавоб ёфта натавонистан** гап ёфта натавонистан, ба пурсиши касе посух дода натавонистан; **бе ҷавоб мондан** ҷавоб надодан, иҷро накардан; **ҷавоби** *касеро* **дода натавонистан** а) ба пурсиши касе посух дода натавонистан; б) қудрати муқобилати касе (чизе)-ро надоштан; **гап пурсу ҷавоб шунав** дар мавриде гуфта мешавад, ки тараф дар посухи савол сухани ғайриқаноатбахш, лофи беҳуда гуфта бошад. 5. рухсат, иҷозат, озод кардан (аз коре); **ҷавоб гирифтан** рухсат гирифтан, иҷозат гирифтан (барои озод шудан, барои аз кор рафтан); **ҷавоб додан** а) ба суоли касе посух додан; б) касеро аз кор, озод кардан, ба касе барои рафтан рухсат додан; в) муқобилат кардан; г) ҳисобот додан (дар бораи кирдор, рафтор, кор ва амали худ), масъул шудан; **ҷавоб шудан** озод шудан, иҷозати рафтан гирифтан. 6. *маҷ.* ҷонибдорӣ, пайравӣ, дастгирӣ; **дар ҷавоби кори пешқадамон, дар ҷавоби даъвати сарвари давлат**.

**ҶАВОБАН** *а.* جواباً ба ҷавоб, дар ҷавоб: **ҷавобан** *чизе* **гуфтан**.

**ҶАВОБГАР**جوابگر 1. масъул, мутасаддӣ ва масъули коре. 2. ӯҳдадор. 3. гунаҳгор, айбдор, ҷавобдиҳанда (дар мурофиа); **ҷавобгар будан** масъул будан, гунаҳгор будан; **ҷавобгар кардан** масъул гардонидан, ӯҳдадор кардан, гунаҳгор кардан; **ҷавобгар шудан** масъул шудан, гунаҳгор шудан.

**ҶАВОБГАРӢ** جوابگری 1. масъул будан, масъулият, ҷавобгар будан. 2. гунаҳгорӣ, айбдорӣ; **ҷавобгариро ба гардан гирифтан** масъулиятро ба зимма гирифтан; **ҷавобгарӣ доштан** масъулиятнок будан, масъулият доштан (кор, вазифа); **ба ҷавобгарӣ кашидан** гунаҳгор кардан, масъул гардонидан (касеро барои коре): **ҷавобгарии маъмурӣ**, **ҷавобгарии моддӣ**.

**ҶАВОБГӮ(Й)** (جوابگو(ی 1. мувофиқи чизе (талаботе) будан: **ба талабот ҷавобгӯй будан**. 2. *ниг.* **ҷавобгар** 1.

**ҶАВОБГӮӢ** جوابگوئی ҷавоб гуфтан, ҷавоб додан.

**ҶАВОБДИҲАНДА** جوابدهنده 1. он ки ҷавоб медиҳад. 2. ҷавобгар.

**ҶАВОБИЯ** *а.* جوابیه ҷавоб, посух, ки ба тарзи хаттӣ навишта шуда бошад.

**ҶАВОБӢ** جوابی 1. дар ҷавоби чизе гуфташуда: **мактуби ҷавобӣ**, **ғазали ҷавобӣ**. 2. дар ҷавоби (муқобили, баробари) чизе коре кардан: **ҳуҷуми ҷавобӣ**, **ҳамлаи ҷавобӣ**, **ташрифи ҷавобӣ, зарбаи ҷавобӣ**.

**ҶАВОД** I *а.* جواد *кит.* асп, аспи хушзот, аспи тездав, аспи даванди зотӣ.

**ҶАВОД** II *а.* جواد *кит.* сахӣ, саховатманд, ҷавонмард.

**ҶАВОЗ** *а.* جواز 1. иҷозат, рухсат, изн. 2. иҷозатнома, коғаз барои озодона сафар кардан, гузарнома. 3. раҳоӣ, рухсати раҳоӣ.

**ҶАВОЗНОМА** جوازنامه *ниг.* **ҷавоз** 2.

**ҶАВОМЕЪ** *а.* جوامع *ҷ.* **ҷомеа**.

**ҶАВОН//ҶУВОН** جوان 1. одам, ҳайвон ва ё дарахт, ки ба ҳадди миёнаи умри табиии худ ҳанӯз нарасида бошад, барно; *муқоб.* **пир**. 2. нав, навбунёд: **шаҳри ҷавон**; **насли ҷавон** насли наврас; **пиру ҷавон**, **ҷавону пир** ҳама, ҷумла; **ҷавон мондан** ҳамеша ҷавон мондан; **аз нав ҷавон гаштан (шудан)** тару тоза шудан, намуди тоза гирифтан, ҷавонии нав пайдо кардан; **ба ҷони ҷавонат зарар нарасад (ҷабр нашавад)** умри ҷавонат бадиро набинад.

**ҶАВОНА** جوانه 1. гови ҷавони нар, гӯсолаи нар, навбас. 2. муғҷа, муғҷаи дарахт.

**ҶАВОНАГОВ** جوانه‌گاو гӯсолаи мода, гови ҷавони мода.

**ҶАВОНАК** جوانک *шакли навозиши* **ҷавон**.

**ҶАВОНАКАК** جوانکک *шакли тасгири* **ҷавон**.

**ҶАВОНБАХТ** جوانبخت хушбахт, некбахт, навбахт.

**ҶАВОНБУХОРИЁН** جوانبخاریان *таър.* созмони инқилобӣ дар Бухорои амирии охири асри XIX ва ибтидои асри XX.

**ҶАВОНБУХОРӢ** جوانبخاری *таър.* узви созмони ҷавонбухориён.

**ҶАВОНВОР** جوانوار ҷавонмонанд, мисли ҷавон: **ҷавонвор кор кардан**.

**ҶАВОНГАШТА** جوانگشته ба ҳолати ҷавонӣ баргашта (расида): **кишвари кӯҳансоли ҷавонгашта, пири ҷавонгашта, шаҳри қадимаи ҷавонгашта**.

**ҶАВОНДИЛ** جواندل дилаш ҷавон, бардам: **пири ҷавондил**.

**ҶАВОНДУХТАР** جواندختر духтари наврасида, духтари ҷавон.

**ҶАВОНЗАН** جوانزن зани ҷавон.

**ҶАВОНИБ** *а.* جوانب *ҷ.* **ҷониб**.

**ҶАВОНИМАРГ** جوانی‌مرگ *ниг.* **ҷавонмарг**.

**ҶАВОНИМАРГБОБ** جوانیمرگباب *гуфт., таҳқ.* касе ки сазовори ҷавонимарг шудан бошад.

**ҶАВОНӢ** جوانی барноӣ, шабоб; айёми ҷавон будани одам ва ҳар чизи дигар; *муқоб.* **пирӣ: айёми ҷавонӣ**, **замони ҷавонӣ**, **солҳои ҷавонӣ**, **муҳаббати ҷавонӣ**, **зӯри ҷавонӣ**; **ҷавонӣ доштан** ҷавон будан.

**ҶАВОНМАРГ** جوانمرگ 1. он ки дар ҷавонӣ мурдааст; **ҷавонмарг кардан** дар ҷавониаш нобуд кардан; **ҷавонмарг шудан** дар ҷавонӣ мурдан. 2. калимаи дашном, ки дар вақти изҳори норизоӣ аз касе гӯянд.

**ҶАВОНМАРГӢ** جوانمرگی дар ҷавонӣ вафот кардан.

**ҶАВОНМАРД** جوانمرد 1. марди ҷавон, одами ҷавон. 2. ҳимматбаланд, олиҳиммат, бомурувват, сахӣ.

**ҶАВОНМАРДӢ** جوانمردی 1. мардонагӣ, диловарӣ, далерӣ. 2. ҳимматбаландӣ, олиҳимматӣ, саховат, футувват.

**ҶАВОНМАРДОНА** جوانمردانه 1. мардона, ба тарзи ҷавонмард, қаҳрамонона. 2. ҳимматбаландона, саховатмандона, меҳрубонона: **рафтори ҷавонмардона, ҳиммати ҷавонмардона**.

**ҶАВОННАМО** جوان نما он ки синнаш аз ҷавонӣ гузашта, аммо зоҳиран ё ба рафтор ба ҷавон монанд аст: **чеҳраи ҷавоннамо**.

**ҶАВОННАМОӢ** جواننمائی амали он ки синнаш аз ҷавонӣ кайҳо гузашта, аммо онро зоҳир кардан намехоҳад ва ё зоҳиран ҷавон ба на-

зар мерасад.

**ҶАВОНОНА** جوانانه 1. ҷавонвор(она); **зиндагии ҷавонона** мисли зиндагии ҷавонон. 2. ҷавонвор, дар ҳолати барноӣ ва ҷавонӣ.

**ҶАВОНПАҲЛАВОН** جوانپهلوان паҳлавони ҷавон, ҷавони қавӣ, пурзӯр.

**ҶАВОНПИСАР** جوانپسر писаре, ки ҷавон аст, писари ҷавон, наврас.

**ҶАВОНРОЙ** جوانرای *кит.* дорои ақли солим, солимақл.

**ҶАВОНСОЛ** جوانسال *ниг.* **ҷавон**.

**ҶАВОНТАРОШ** جوانتراش одами солхӯрдае, ки худро ҷавон нишон медиҳад.

**ҶАВОНФИКР** جوانفکر касе, ки нисбат ба сохти мавҷуда ба тарзи нав фикр мекунад, равшанфикр, навҷӯй.

**ҶАВОР** *а.* جوار *кит.* ҳамсоягӣ, наздикӣ; **то ҷавори**… то наздики…; **ба (дар) ҷавори**… ба (дар) наздикии…, ба (дар) ҳамсоягии…

**ҶАВОРИМАККА** جواریمکّه *ниг.* **ҷуворимакка**.

**ҶАВОРИШ** جوارش *муарраби* **гувориш**, доруи мураккаби хушмаза ва тезҳазм.

**ҶАВОСИС** *а.* جواسیس *ҷ.* **ҷосус**.

**ҶАВОҲИР** *а.* جواهر *ҷ.* **ҷавҳар**; гавҳарҳо, марворидҳо, сангҳои қиматбаҳо.

**ҶАВОҲИРДОР** جواهردار дорои ҷавоҳир.

**ҶАВОҲИРДОРУ** جواهردارو навъи сурмае, ки ба чашм қувват мебахшад ва ба он ҷавоҳиротро ҳал мекунанд.

**ҶАВОҲИРКОР** جواهرکار бо ҷавоҳир ороста шуда: **ҷомаи ҷавоҳиркор**.

**ҶАВОҲИРКОРӢ** جواهرکاری бо ҷавоҳир орасташуда, ҷавоҳирдор, ҷавоҳирнишон: **дастпонаи ҷавоҳиркорӣ, тоҷи ҷавоҳиркорӣ**.

**ҶАВОҲИРНИГОР** جواهرنگار гавҳарнишонда, гавҳаркӯб, мурассаъ ба ҷавоҳир.

**ҶАВОҲИРНИСОР** جواهرنثار *кит.* ҷавоҳирпош; ◊ **килки ҷавоҳирнисор** қалам.

**ҶАВОҲИРНИШОН** جواهرنشان ҷавоҳиршинондашуда, ҷавоҳиркорӣ.

**ҶАВОҲИРОЛОТ** جواهرآلات *ниг.* **ҷавоҳирот**.

**ҶАВОҲИРОТ** *а.* جواهرات ҷавоҳир, сангҳои қиматбаҳо.

**ҶАВОҲИРСОЗ** جواهرساز он ки аз ҷавоҳирот ҳар чи месозад, заргар.

**ҶАВОҲИРСОЗӢ** جواهرسازی 1. шуғлу амали ҷавоҳирсоз, заргарӣ кардан. 2. маҳал ва макони ҷавоҳирсозӣ, дӯкони заргарӣ.

**ҶАВОҲИРФУРӮШ** جواهرفروش он ки ҷавоҳирот савдо мекунад, фурӯшандаи ҷавоҳирот.

**ҶАВОҲИРФУРӮШӢ** جواهرفروشی ҷавоҳир фурӯхтан, бо ҷавоҳир савдо кардан, хариду фурӯши ҷавоҳирот.

**ҶАВОҲИРШИНОС** جواهرشناس он ки ҷавоҳирро нағз мешиносад, шиносандаи сангҳои қиматбаҳо, гавҳаршинос.

**ҶАВПАЗ** جوپز *ниг.* **ҷавпазак**.

**ҶАВПАЗАК** جوپزک навъи мевае, ки дар ҷинси худ пештар мепазад; меваҳои пешпаз, меваҳои пешпазак.

**ҶАВР** *а.* جور зулм, ситам, ҷафо, озор, бедод; *муқоб.* **адл: ҷавру ҷафо**, **ҷавру зулм, ҷавру ситам**; **ҷавр дидан (кашидан)** зулму ситам дидан (кашидан); **ба худ ҷавр кардан** худро азоб додан, худро ба азоб монондан, сахтиеро ба зимма гирифтан.

**ҶАВРПЕША** جورپیشه золим, ситамгар.

**ҶАВСАҚ** *а.* جوسق *кит.* кӯшк, қаср.

**ҶАВСАНГ** جوسنگ санге, ки ҳамвазни як дона ҷав аст, чизе, ки ба вазн ва бузургӣ ба андозаи як дона ҷав аст.

**ҶАВСАР** جوسر гандуме, ки хӯшааш мисли хӯшаи ҷав сӯзандор мешавад, монанд ба ҷавдор.

**ҶАВФ** *а.* جوف ковокӣ, миёнхолигии даруни чизе.

**ҶАВФУРӮШ** جوفروش он ки ба хариду вурӯши ҷав машғул аст, фурӯшандаи ҷав; ◊ **гандумнамои ҷавфурӯш** ҳилагар, дағобоз.

**ҶАВФУРӮШӢ** جوفروشی 1. амали ҷавфурӯш; фурӯхтан ва харидани ҷав. 2. *маҷ.* ҳилагарию фиреб кардан.

**ҶАВҲАР** جوهر [*муарраби* **гавҳар**] 1. санги қиматбаҳо (алмос, марворид, ёқут *ва г.*). 2.

*фалс.* асли ҳар чиз, асли ҳар чизе, ки вуҷуди мустақил дорад; *муқоб.* **араз**; асл. 3. моҳият: **ҷавҳари маънӣ**, **ҷавҳари сухан**. 4. *хим.* асид, кислота, шира, эссенсия: **ҷавҳари лиму, ҷавҳари сирко**. 5. обутоби силоҳи буранда (корд, шамшер *ва г.*).

**ҶАВҲАРДОР** I جوهردار обутобёфта; обдида: **шамшери ҷавҳардор**.

**ҶАВҲАРДОР** II جوهردار дорои асид, дорои шираи чизе.

**ҶАВҲАРИЁТ** جوهريات давоҳое, ки аз ҷавҳарҳои доругӣ тайёр карда мешаванд.

**ҶАВҲАРӢ** جوهرى он ки ҷавоҳиротро мешиносад, ҷавҳаршинос, гавҳаршинос: **қадри зар заргар шиносад**, **қадри ҷавҳар ҷавҳарӣ** (*зарб.*).

**ҶАВҲАРШИНОС** جوهرشناس *ниг.* **ҷавҳарӣ.**

**ҶАВ –ҶАВ** جو جو *ниг.* **ҷав**.

**ҶАВШАН** جوشن 1. *кҳн.* як навъ либоси ҷангии қадима, ки аз ҳалқаву порчаҳои оҳан сохта мешуд, зирех; *ба тарзи истиора*: **ҷавшани дил, ҷавшани тан, ҷавшани ҷон**. 2. *зоол.* косахонаи сангпушт.

**ҶАВШАНВАР** جوشنور ҷавшандор, ҷавшанпӯш.

**ҶАВШАНГУЗАР** جوشن‌گذر *кит., ниг.* **ҷавшангузор.**

**ҶАВШАНГУЗОР** جوشن‌گذار *кит.* сӯрохкунандаи ҷавшан (*сифати* тир, найза *ва г.*).

**ҶАВШАНПӮШ** جوشن‌پوش касе, ки ҷавшан пӯшидааст, зирехпӯш.

**ҶАВШАНХОЙ** جوشن‌خاى *кит.* ҷавшаншикан, ҷавшанфарсо.

**ҶАВШАНШИКАН** جوشن‌شكن *кит., ниг.* **ҷавшангузор**.

**ҶАҒАЛЛИҚ** *т.* جغلّق ду болиштчаи намадӣ, ки аз ду тараф ба зери зин гузошта мешавад.

**ҶАҒБУТ** جغبوت *ниг.* **ҷабғат**.

**ҶАҒИДАН** جغيدن 1. саъю кӯшиш кардан. 2. дам задан; **ҷағидан наёристан** ёрои дам задан надоштан. 3. гуфт. кафидан, пора шудан, ҷағ ёфтан.

**ҶАҒОЛА//ЧАҒОЛА** جغاله//چغاله *кит.* дастае аз мурғон, гурӯҳе аз парандагон: **ҷағола-ҷағола** даста–даста, гурӯҳ–гурӯҳ.

**ҶАҒОЗ** جغاز болопӯши шутур монанди зин ё полон, ки вақти савор шудан ё бор кардан ба он мениҳанд, полони шутур; **ҷағоз пахш кардан** ҷағоз ниҳодан ба шутур.

**ҶАҒҶАҒ** جغجغ *бот., лаҳҷ.* як навъ гиёҳ, ки аввали баҳор гул мекунад, қоқу.

**ҶАД(Д)** *а.* جد 1. падари падар, бобо; **ҷадди аъло** бобокалон, падари бобо. 2. ба шакли *ҷамъ* **ҷаддон** гузаштагон.

**ҶАДАЛ** *а.* جدل 1. ҷанг, ҳарб, набард, ҷидол: **ҷангу ҷадал**. 2. баҳсу мунозира; муноқиша, хархаша, кашмакаш, бигӯ–магӯ. 3. саъю кӯшиш, мубориза; **бо ҷадал** а) бо саъю кӯшиш, бо ғайрат, бо ҳаракати зиёд; б) бо шитоб, бо суръат; **ҷаҳду ҷадал** саъю кӯшиш, кӯшишу талош: **ҷадал доштан** саъю кӯшиш доштан, мубориза кардан; **ҷадал кардан (намудан)** а) саъю кӯшиш кардан; б) мубориза бурдан. 4. *кит.* илмест, ки ба воситаи он усулу шароит ва чигунагии мунозира шинохта мешавад.

**ҶАДАЛА** *а.* جدله *гуфт.* шитоб, суръат, талотӯб, хурӯш.

**ҶАДАЛӢ** *а.* جدلى 1. *марбут ба* **ҷадал**. 2. баҳсу мунозиракунанда. 3. *фалс.* диалектик. 4. ҷангӣ.

**ҶАДАР** *а.* جدر 1. варам, омос. 2. *тиб.* ҷоғар, ғуррӣ.

**ҶАДАРӢ** *а.* جدرى *кит., тиб.* як навъ бемории нағзак.

**ҶАДВАЛ** *а.* جدول 1. хати рост, раҳи хат дар китоб ё дафтар. 2. олате, ки ба воситаи он хати рост кашида мешавад. 3. намудор, нақша, рӯйхате, ки барои ҳисоби давомати кор, дарс, иҷрои кор ва бо тартиб нишон додани вақт ва хусусияти чизҳои дигар тартиб дода мешавад: **ҷадвали дарс**, **ҷадвали имтиҳонот**, **ҷадвали машғулият**, **ҷадвали кор, ҷадвали ҳаракати автобус**, **ҷадвали зарб** *риёз.* ҷадвали зарб задани рақамҳо; **ҷадвал кашидан** а) хат кашидан; б) ҷадвали кор, дарс, машғулият *ва г.*, тартиб додан.

**ҶАДВАЛБАНДӢ** جدولبندى 1. ҷадвал кашидан. 2. ба воситаи кашидани хатҳои уфуқӣ ва

амудӣ тақсим кардани замин, сохтмон *ва г.* ба андозаҳои мушаххас. 3. гурӯҳбандӣ ва тақсими иттилооти муайян ба шакли ҷадвал.

**ҶАДВАЛВОР** جدولوار ҷадвалмонанд, рост, ба сони ҷадвал.

**ҶАДВАЛДОР** جدولدار хати рост кашида, ҷадвал кашидашуда (барои коре, машғулияте, ҳисобе *ва г.*).

**ҶАДВАЛКАШ** جدولکش 1. хаткаш, хати рост кашанда. 2. нақшакаш, тарҳсоз, лавҳнигор.

**ҶАДВАЛКАШӢ** جدولکشی амали мансуб ба ҷадвалкаш.

**ҶАДВАЛСОЗӢ** جدولسازی *ниг.* **ҷадвалбандӣ**.

**ҶАДВОР** جدوار *бот.* решаи дармана.

**ҶАДД** *а.* جدّ *ниг.* **ҷад(д)**.

**ҶАДДА** *а.* جدّه модаркалон, бибӣ.

**ҶАДИД** *а.* جدید 1. *кит.* нав, тоза. 2. *таър.* пайрави ҳаракати ҷадидӣ, тарафдори ҷадидия.

**ҶАДИДАН** *а.* جدیداً аз нав, такроран.

**ҶАДИДИЯ** *а.* جدیدیه *таър.* ҷараёни сиёсии байни табақаҳои буржуазияи маҳаллӣ ва зиёиёни Осиёи Марказӣ, ки шиораш ислоҳталабӣ буд.

**ҶАДИДӢ** جدیدی *ниг.* **ҷадидия**.

**ҶАДИДКУШӢ** جدیدکشی ҳаракат барои нест кардани ҷадидон дар аморати Бухоро дар солҳои 1918-1920.

**ҶАДИДТАРОШ** جدید تراش он ки даъвои ҷадидӣ мекунад, он ки худро ҷадид нишон медиҳад.

**ҶАДИР** *а.* جدیر шоён, сазовор, лоиқ.

**ҶАДӢ** *а.* جدی *нуҷ.* номи бурҷи даҳум аз бурҷҳои дувоздаҳгонаи фалакӣ, ки Офтоб 22 декабр то 21 январ ба он дохил мешавад, дар китобҳои нуҷуми қадим ин бурҷ ба шакли бузғола тасвир шудааст, Бузғола, Бузак.

**ҶАДОВИЛ** *а.* جداول *ҷ.* **ҷадвал**.

**ҶАДР** جدر *кит.* девор.

**ҶАЗ** *фр.* جز *мус.* оркестри махсуси мусиқӣ, ки аз асбобҳои нафасӣ, тордор ва баландовоз ташкил ёфтааст.

**ҶАЗ(З)** جز боқимондаи бирёни равғани дунбаи гӯсфанд, баъд аз гудохтан (об кардан), ҷазза.

**ҶАЗАБА** جزبه *гуфт.* хашм, ғазаб, қаҳр, тундӣ; тарсондан, дӯғу пӯписа.

**ҶАЗАБАДОР** جزبه‌دار 1. сахтгир, ҷиддӣ. 2. пурхашм, хашмгин; тарсовар.

**ҶАЗАК** جزک номи иллат ва марази мурғон аст, ки бар асари он аз бехи пар то ба устухони онҳо сӯрох мешавад.

**ҶАЗАЪ** *а.* جزع 1. бесабрӣ, бетоқатӣ, беқарорӣ; нола ва зорӣ; **ҷазау фазаъ** гиряву зорӣ, оҳу шеван. 2. тарс, бим. 3. илтимос, тазаррӯъ, таваллло.

**ҶАЗБ** *а.* جذب 1. ба худ кашидан, кашиш; **қувваи ҷазби Замин**. 2. кашиш (*диққатро*), дилрабоӣ, ҷалб; **ҷазб кардан (намудан)** кашидан, ба худ ҷалб кардан.

**ҶАЗБА** *а.* جذبه кашиш, кашиши қалбӣ; **аҳли ҷазба** сӯфиён.

**ҶАЗБКУНАНДА** جذب‌کننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **ҷазб кардан**. 2. ҷалбкунанда (ба худ), кашанда; дилрабо.

**ҶАЗБМАНД** جذبمند *гуфт.* сахт азмкарда, касе ки бо азм ва қатъият ба коре иқдом мекунад, иштиёқманд.

**ҶАЗЗАГИН//ҶАЗЗАГӢ** جزّه‌گین//جزگی ҷаззадор, омехта ба ҷазза; **нони ҷаззагин** ноне, ки дар таркибаш ҷазза – порчаҳои равғани дунба баъди бирёнро дорост.

**ҶАЗЗАДОР** جزّه‌دار *ниг.* **ҷаззагин**.

**ҶАЗЗАС** جزّس *калимаи тақлиди овоз;* 1. садои бирён шудани чизе. 2. дард ё сӯзиш кардани ягон узви баданро ифода мекунад: **ҷаззас задани гӯшт дар вақти бирён кардан, ҷаззас зада дард кардани даст ё ҷои дигари бадан**.

**ҶАЗЗИН** جزّین *ниг.* **ҷаззагин**.

**ҶАЗЗӢ** جزّی *гуфт.* сӯзиш ё дарди ногаҳонӣ; **дилам ҷаззӣ карда монд**.

**ҶАЗЗОБ** *а.* جذّاب *кит.* ба худ кашанда, ҷазбкунанда.

**ҶАЗЗОБИЯТ** جذّابیت он ки ва он чи хусусияти ба худ ҷалб карданро дорад.

**ҶАЗИЛ** *а.* جزیل 1. бисёр, фаровон. 2. бузург. 3. маҳкам, устувор, дуруст.

**ҶАЗИР** جزیر 1. хушк (аз беобӣ), сӯхта, бирёншуда, хароб, валангор (замин). 2. *гуфт.* ифлос, чиркин; **ҷазир кардан** ифлос кардан.

**ҶАЗИРА** *а.* جزیره хушкӣ дар миёни об (*хоҳ хурд бошад хоҳ калон*), ки об аз ҳар сӯ онро иҳота кардааст.

**ҶАЗИРАВӢ** جزیروی *мансуб ба* **ҷазира**.

**ҶАЗИРАГӢ** جزیرگی *мансуб ба* **ҷазира**; воқеъ дар ҷазира: **давлати ҷазирагӣ**.

**ҶАЗИРАНИШИН** جزیره‌نشین сокини ҷазира, аҳли ҷазира.

**ҶАЗМ** *а.* جزم қарори қатъӣ, қарори ҳатмӣ; қатъият, ҷиддият; **азми ҷазм** азми қатъӣ, қасди ҷиддӣ, хоҳиши қатъӣ; **ҷазм кардан** азми ҷиддӣ намудан, қатъиян қарор додан.

**ҶАЗМАНД** جزمند *гуфт., ниг.* **ҷазбманд**; **харидори ҷазманд** харидори бисёр толиб, харидори бисёр борағбат ва иштиёқманд.

**ҶАЗМӢ** جزمی қатъӣ, ҷиддӣ, устувор, ҳатмӣ: **ваъдаи ҷазмӣ**; **иродаи ҷазмӣ**.

**ҶАЗО** *а.* جزا 1. мукофоти бадӣ, сазои кори бад ё гуноҳе; подош, музд; **ҷазои олӣ, ҷазои марг** ҳукми қатл; **рӯзи ҷазо** а) рӯзи азобу машаққат, рӯзи сазодиҳӣ, рӯзи ҳисобот барои кирдорҳои худ; б) *д.* рӯзи қиёмат, рӯзи маҳшар, рӯзи ҳисоби бандагон аз кардаи худ назди Худо; **ҷазо гирифтан** ба ҷазо расидан, ба ҷазо маҳкум шудан; **ҷазо дидан** ба ҷазо расидан барои кори кардаи худ; **ҷазо додан** сазо додан барои кору кирдори бад; **ҷазои** *касеро* **додан** барои кирдораш ба ҷазо расонидан; **ҷазои худро дидан** ба ҷазои кори бади кардаи худ расидан; **ҷазо кашидан** ҷазо дидан; **ба ҷазо гирифтор кардан** ба ҷазо расонидан; **ба ҷазои худ расидан** барои амали бад сазои худро дидан; **ба ҷазояш расондан** ба ҷазои муносибаш гирифтор кардан. 2. ҷаримаи нақдӣ.

**ҶАЗОБИНӢ** جزا بینی ҷазо дидан, маҳкум шудан ба ҷазо.

**ҶАЗОГИРӢ** جزاگیری ҷазо гирифтан, ҷазо дидан.

**ҶАЗОГОҲ** جزاگاه *таър.* ҷои қатл, ҷои ҷазо.

**ҶАЗОДИДА** جزا دیده он ки ба ҷазо маҳкум шудааст.

**ҶАЗОДИҲАНДА** جزادهنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **ҷазо додан**. 2. он ки ҷазо медиҳад.

**ҶАЗОДИҲӢ** جزا دهی ҷазо додан.

**ҶАЗОИЛ** جزایل *кҳн.* як навъ тӯпи ҷангии қадима, ки ба асп ё шутур баста аз ҷое ба ҷое мебурданд ва кор мефармуданд: **тӯпи ҷазоил**.

**ҶАЗОИР** I جزائر *ниг.* **ҷазоил**.

**ҶАЗОИР** II *а.* جزایر *ҷ.* **ҷазира**.

**ҶАЗОИР** III جزایر номи яке аз оҳангҳои мусиқии тоҷикӣ.

**ҶАЗОӢ** جزائی 1. ҷиноятӣ: **қонуни ҷазоӣ**. 2. қасдгирӣ, қасос.

**ҶАЗОНОМА** جزانامه 1. *таър.* қарори қозӣ барои ҷазо. 2. фармони хаттии ҷазо.

**ҶАЗР** I *а.* جذر 1. бех, реша. 2. *риёз.* ададест, ки онро ба худаш зарб мезаданд, масалан, адади се ба худаш зарб шавад, адади нӯҳ ҳосил мешавад, ки ин се ҷазри нӯҳ аст: **ҷазри мукааб, ҷазри мураббаъ; ҷазр гирифтан** аз реша баровардан.

**ҶАЗР** II *а.* جزر 1. *ҷугр.* кам шудан ва аз соҳил дур рафтани оби баҳр бо таъсири қувваи кашиши Офтобу Моҳ, ки дар шабонарӯз ду бор такрор меёбад; *муқоб.* **мад(д)**. 2. *маҷ.* пасту баланд шудани чизе.

**ҶАЗ-ҶАЗ** جزجز *гуфт.* дард, озор (*аз сӯхтани ягон узви бадан ё газак гирифтани ҷароҳате*): **ҷаз-ҷаз сӯхтан**.

**ҶАЗЪ** *а.* جزع 1. навъе аз сангҳои ороишӣ, ки сафеду сиёҳ аст ва мӯҳраи сулаймонӣ ё яманӣ ҳам номида мешавад. 2. *маҷ.* чашм; **ҷазъи дида** *киноя аз* чашм.

**ҶАЙБ** *а.* جیب 1. кисаи либос, кисаи бағалӣ; **аз ҷайби худ пул додан** пули худро сарф кардан. 2. гиребон, гиребони курта.

**ҶАЙБӢ** جیبی кисагӣ: **соати ҷайбӣ.**

**ҶАЙЛИҚ** *т.* جیلق болиштакҳои махсус, ки аз ду тарафи зини асп мемонанд, чиргӣ, арақчини асп; *муқ.* **ҷағаллиқ**.

**ҶАЙЛОВ** جیلاو *гуфт.* ҷарогоҳ, ҷои ҷорпочаронӣ.

**ҶАЙРА** جیره *зоол.* ҷонвари ширхора аз гурӯҳи

хояндаҳо, ки пушту паҳлӯяш бо хорҳои сӯзанмонанд иҳота шудааст.

**ҶАЙРОН** جیران *зоол.* як навъи оҳу.

**ҶАЙШ** *а.* جیش *кҳн.* лашкар, қӯшун.

**ҶАЙЪАТ** *а.* جیعت омада расидан, ворид шудан.

**ҶАЛ** جل *кит.* парандаи хушовоз аз хонаводаи гунҷишкҳо, ки аз гунҷишк бузургтар ва аз сор хурдтар аст, чаковак, нору.

**ҶАЛАБ** I جلب 1. ғалоғула, ғавғо. 2. аспҷаллоб, гӯсфандҷаллоб, он ки барои фоида аспу гӯсфанд *ва г.* харида мефурӯшад.

**ҶАЛАБ** II *а.* جلب зани бадахлоқ, қаҳба, фоҳиша; руспӣ.

**ҶАЛАБӢ** جلبی ҳилагарӣ, бадҷинсӣ, фоҳишагарӣ, бадахлоқӣ, руспигарӣ.

**ҶАЛАБХОНА** جلبخانه фоҳишахона, руспихона.

**ҶАЛАСА** *а.* جلسه маҷлис, ҷамъомад.

**ҶАЛБ** *а.* جلب ҷазб, кашиш, кашидан ба сӯи худ; **ҷалб кардан (намудан)** касеро ҷазб намудан, кашидан (ба иҷрои вазифае); **диққат ҷалб кардан** ба чизе диққат додан, диққат ҷазб кардан ба чизе; **диққат ҷалб шудан** диққат равона шудан ба чизе.

**ҶАЛБКУНАНДА** جلب‌کننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **ҷалб кардан.** 2. ҷазбкунанда, кашанда (ба худ, ба ягон чизи дигар).

**ҶАЛВИЗ** جلویز *кит.* муфсид, ғаммоз.

**ҶАЛҒӮЗА** جلغوزه ғӯзаи дарахти санавбар, умуман ғӯзаи дарахтони сӯзанбарг, чалғӯза.

**ҶАЛД** *а.*جلد *кит.* чусту чолок, чобуку чаққон; зирак.

**ҶАЛДӢ** جلدی 1. чобукӣ, чаққонӣ; зиракӣ. 2. тезӣ, тундӣ.

**ҶАЛДКОР** جلدکار тезкор, зудкор, чаққон.

**ҶАЛДУ** جلدو тӯҳфа, подош, ато; ҳадяи молӣ аз тарафи амалдори олӣ, инъом.

**ҶАЛИДИЯ** *а.* جلدیه зуҷоҷа; адасӣ.

**ҶАЛИЛ** *а.* جلیل бузург, азим, мӯҳтарам.

**ҶАЛИС** *а.* جلیس *кит.* ҳамнишин, ҳамсӯҳбат; рафиқ.

**ҶАЛӢ** *а.* جلی *кит.* равшани калон-калон (дар бораи хат); **хати ҷалӣ; қалами ҷалӣ** қалами махсус, ки бо он хати ҷалӣ менавиштанд ё машқ мекарданд.

**ҶАЛЛА** *а.* جلّ **:Худои азза ва ҷалла** Худованди бузургу олӣ.

**ҶАЛЛОБ** *а.* جلّاب касе, ки молҳоро харида бо фоидааш қимат мефурӯшад, аз қабили говҷаллоб, гӯсфандҷаллоб, мавизҷаллоб *ва г.*

**ҶАЛЛОБӢ** جلّابی чизҳоро арзон харида бо фоидааш қимат фурӯхтан, кор ва амали шахси ҷаллоб: **ҷаллобӣ кардан**.

**ҶАЛЛОД** *а.* جلّاد 1. касе, ки ҳукми куштанро ба иҷро мерасонад, одамкуши расмӣ (*дар давраҳои пешин*). 2. *маҷ.* ситамгар, золими гузаро.

**ҶАЛЛОДӢ** جلّادی 1. *мансуб ба* **ҷаллод**: **теғи ҷаллодӣ, кори ҷаллодӣ**. 2. амали ҷаллод, шуғли ҷаллод. 3. *маҷ.* бераҳмӣ, ситамгарӣ, ҷафокорӣ, хунхорӣ.

**ҶАЛО** *а.* جلا *ниг.* **ҷило** II.

**ҶАЛОДАТ** *а.* جلادت чустӣ, чолокӣ, далерӣ, ҷасорат.

**ҶАЛОЛ** *а.* جلال 1. бузургӣ, бузургворӣ. 2. иззат, шавкат; **ҷоҳу ҷалол** мартаба ва базургӣ.

**ҶАЛОЛАТ** *а.* جلالت *кит.* бузургӣ, шукӯҳ, азамат.

**ҶАЛОЛАТМАОБ** جلالتمأب ҷаноб, ҳазрат.

**ҶАЛОҶИЛ** *а.* جلاجل *ҷ.* **ҷулҷул**.

**ҶАЛОҶИН** جلاجین *гуфт.* пиразани фартути баднамои ҳилагар: **кампири ҷалоҷин**.

**ҶАЛОҶИНКАМПИР** جلاجین‌کمپیر кампири ҷалоҷин.

**ҶАЛОҶУЛ** *а.* جلاجل 1. ҳалқачаҳои оҳанин, ки гирдогирди ҷанбари доира овехта мешавад. 2. зангӯлачаҳое, ки ба тасмаи гардани шутур ё асп баста мешавад, ё раққосагон ба дасту пои худ мебанданд.

**ҶАЛҲУНДӢ** جلهندی *ниг.* **ҷулҳундӣ**.

**ҶАМАЛ** *а.* جمل шутури нар.

**ҶАМАЛҒА** جملغه *гуфт.* воситаҳои таъмини рӯзгор, харҷу ташвиши оила; **ҷамалға каши-**

**дан** хонаводаро таъмин кардан, дар ташвиши воситаҳои рӯзгузаронӣ шудан.

**ҶАМБӮС** جمبوس *гуфт.* як навъ пойафзор.

**ҶАМЕАН** *а.* جميعاً *ниг.* **ҷамъан**.

**ҶАМЕЪ** *а.* جميع ҳама, ҳамагӣ, ҷамоат, мардум.

**ҶАМИЛ** *а.* جميل хушрӯ, зебо, соҳибҷамол, некӯсурат.

**ҶАМИЛА** جميله *муаннаси* **ҷамил**; зан ё духтари хушрӯй.

**ҶАМИЛӢ** جميلى зебоӣ, хушрӯӣ.

**ҶАМОА** *а.* جماعه 1. гурӯҳ, тӯда, гурӯҳи мардум. 2. гурӯҳи талабагони дар як ҷо таҳсилкунанда дар мадрасаҳои собиқ. 3. табақа, тоифа, қабила. 4. деҳшӯро, деҳаҳое, ки тобеи як деҳшӯроанд: **идораи ҷамоа, раиси ҷамоа, котиби ҷамоа**.

**ҶАМОАТ** *а.* جماعت 1. *ниг.* **ҷамоа**. 2. ҷамъият, умум.

**ҶАМОАТӢ** جماعتى 1. *мансуб ба* **ҷамоат.** 2. ҷамъиятӣ, умумӣ: **вазифаи ҷамоатӣ, кори ҷамоатӣ.**

**ҶАМОД** *а.* جماد *кит.* чизи беҷон, санг, маъдан, канданиҳои ғайриорганикӣ.

**ҶАМОДОТ** *а.* جمادات *ҷ.* **ҷамод**; чизҳои беҷон, сангҳо, маъданҳо; ғайри ҳайвонот ва наботот: **олами ҷамодот**.

**ҶАМ(М)ОЗА** *а.* جمازه шутури тезрафтор.

**ҶАМОЛ** *а.* جمال 1. хушрӯӣ, зебоӣ, ҳусн; хубии сурат ва сират; **ҳусну ҷамол** зебоӣ, хушрӯии комил. 2. *маҷ.* рӯи зебо, чеҳраи тобону дурахшон; **ҷамоли ҷаҳоноро** чеҳраи тобон, рӯи зебо.

**ҶАМОЛАК** جمالک кокули сохтаи абрешимӣ ё аз чизҳои дигар бофта, ки ба мӯй баста ба пушт мепартоянд: **ҷамолак бофтан**, **ба мӯй ҷамолак андохтан**.

**ҶАМОЛАККОКУЛ** جمالک کاکل кокулҳои ҷамолакдор.

**ҶАМОҲИР** *а.* جماهير 1. *ҷ.* **ҷумҳур**; мардуми бисёр, умум. 2. ҷумҳуриятҳо, давлатҳо; **Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ** *таър.* давлати шӯравии собиқ, ки аз иттиҳоди 15 ҷумҳурӣ иборат буд.

**ҶАМ(М)ОШ** *а.* جماش *кит.* 1. шӯх. 2. фусункор (*бештар ҳамчун сифати маҳбуб ё чашми ӯ*).

**ҶАМР** *а.* جمر *исми ҷомеъ* ахгарҳо, лахчаҳо.

**ҶАМРА** *а.* جمره оташпора, лахча, ахгар.

**ҶАМӮҲ** *а.* جموح *кит.* якраҳа, якрав, саркаш, инодкор, гарданшах.

**ҶАМШЕДӢ** جمشيدى **:базми ҷамшедӣ**; базми пурдабдаба, базми бошукӯҳ.

**ҶАМЪ** *а.* جمع 1. фароҳам, гирду ғун: **ҳама ҷамъ будан**. 2. ғундоштан, тӯб кардан. 3. гурӯҳе аз мардум, ҷамоат: **гузаштани ҷамъе аз кӯча**. 4. ҳама, умум; **ҷамъе** гурӯҳе, ҷамоате; **ҷамъ гардидан** ғун шудан, гирд омадан; **ҷамъ кардан** фароҳам овардан, гирд овардан; **ҷамъ омадан** фароҳам омадан, ғун шудан, тӯб шудан ба як ҷо; **ҷамъ шудан** гирд омадан, ғун шудан; **ақлу ҳуш ҷамъ кардан** ҳушёр шудан; **ҳавоси худро ҷамъ кардан** осуда ва ором шудан, ҳушёр шудан; **хотири ҷамъ** осуда, бе ташвиш, бе нигаронӣ ва ошуфтагии хотир; **хотир ҷамъ кардан** осуда будан, безобита нашудан. 5. *риёз.* яке аз чор амали ҳисоб, афзудани як адад ба ададди дигар, зам кардани ду ва ё чанд адад ба якдигар. 6. *грам.* аломати ҷамъ дар забони тоҷикӣ бо «-он» ва «-ҳо» ифода мегардад; *муқоб.* **танҳо**.

**ҶАМЪАН** *а.* جمعاً 1. ба тарзи ҷамъ, дар ҳолати ҷамъ кардан. 2. ҳамагӣ, якҷоя.

**ҶАМЪБАНДӢ** جمعبندى *грам.* ҷамъ бастани калима.

**ҶАМЪБАСТ** جمعبست 1. ҷамъ кардан. 2. натиҷа, хулоса: **ҷамъбасти корҳои яксола**; **ҷамъбаст кардан** а) ҳисоб кардан, шумурда хулоса кардан; б) натиҷа баровардан, ба як натиҷа омадан, хулоса баровардан аз кори кардашуда ё фикрҳои гуногун.

**ҶАМЪБАСТӢ** جمعبستى ҷамъбаст шуда, натиҷагӣ: **маълумоти ҷамъбастӣ**.

**ҶАМЪБАСТКУНАНДА** جمعبست کننده *ниг.* **ҷамъбастӣ**; он ки ё он чи ҷамъбасти коре ё амале бошад.

**ҶАМЪБАСТШАВАНДА** جمعبست شونده он чи натиҷааш дар якҷоягӣ маълум шавад.

**ҶАМЪБАСТШУДА** جمعبست شده *ниг.* **ҷамъбастӣ.**

**ҶАМЪДАСТӢ** جمعدستی муттафиқӣ, аҳлона, дастаҷамъӣ: **бо ҷамъдастӣ кор кардан**.

**ҶАМЪИҶАМЪ** *ниг.* **ҷамъулҷамъ.**

**ҶАМЪИЯТ** *а.* جمعیت 1. маҷмӯи мардум, ки дар шароити муайяни тараққиёти таърихӣ дар асоси тарзи истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва муносибатҳои муайяни истеҳсолӣ ба ҳам омадаанд, ҷомеа: **ҷамъияти ибтидоӣ, ҷамъияти ғуломдорӣ, ҷамъияти феодалӣ**. 2. гурӯҳи одамон, ки аз рӯи мақсад, манфиат, ихтисос ё ягон ҷиҳати дигар ҷамъ омадаанд, созмон: **ҷамъияти ихтиёрӣ, ҷамъияти саҳомӣ, ҷамъияти китобдӯстон**. 3. доираи одамон, ки бо умумияти шароити иҷтимоӣ, баромад ва мансубияти табақавӣ муайян шудааст: **ҷамъияти коргарон**. 4. нуфус, аҳолии шаҳре ё маҳаллае. 5. гурӯҳ, тӯда, доира, иҳота: **ҷамъияти дӯстон; ҷамъияти хотир** хотири ҷамъ.

**ҶАМЪИЯТӢ** جمعیتی *мансуб ба* **ҷамъият**; ҷамоатӣ, иҷтимоӣ, умумӣ: **афкори ҷамъиятӣ, вазифаи ҷамъиятӣ, идораҳои ҷамъиятӣ, кори ҷамъиятӣ, моликияти ҷамъиятӣ, сохти ҷамъиятӣ, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, илмҳои ҷамъиятӣ; ҷамъиятӣ кардан** барои истифодаи умум якҷоя кардан.

**ҶАМЪИЯТШИНОС** جمعیتشناس он ки ба омӯзиши илмҳои ҷамъиятӣ машғул аст, он ки дар шинохти ҷамъият собиқаю салиқа дорад, ҷомеашинос.

**ҶАМЪИЯТШИНОСӢ** جمعیتشناسی илмҳое, ки соҳаҳои гуногуни ҷамъиятро меомӯзанд, ҷомеашиносӣ: **илмҳои ҷамъиятшиносӣ**.

**ҶАМЪӢ** جمعی ҳамагӣ, дастаҷамъона.

**ҶАМЪКУНАНДА** جمعکننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **ҷамъ кардан.** 2. он ки чизҳоро ҷамъ мекунад, гирдоваранда.

**ҶАМЪОВАРӢ** جمعآوری 1. ҷамъ кардан, ҷамъ овардан, гирд овардан, ғун кардан. 2. ғундоштан, бардоштан, чидан: **ҷамъоварии пахта, ҷамъоварии ғалла, ҷамъоварии ҳосил**.

**ҶАМЪОМАД** جمعآمد 1. ҷамъ омадан, ҷамъ шудан, дар як ҷо ғун шудан: **ҷойҳои ҷамъомади мардум**. 2. нишаст, маҷлис, маҳфил; **ҷамъомади дӯстон**.

**ҶАМЪОМАДА** جمعآمده ҷамъшуда, ғундошта, гирдомада: **одамони ҷамъомада** ҷамъомадагон.

**ҶАМЪОМАДГОҲ** جمعآمدگاه 1. ҷои ҷамъ омадан, ҷои ҷамъ шудан. 2. маҷлисгоҳ, маҳфил.

**ҶАМЪУЛҶАМЪ** *а.* جمعالجمع 1. ҷамъи умумӣ, ҷамъиҷамъ, ҳосили умумии ҷамъ, ҳамагӣ: **ҷамъулҷамъи даромад.** 2. бо аломати ҷамъ овардани калимае, ки худаш дар шакли ҷамъ бошад; *мас.*, ахбор-ахборот.

**ҶАМЪШАВАНДА** جمع شونده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **ҷамъ шудан**. 2. *риёз.* ададе, ки ба адади дигар ҷамъ мешавад.

**ҶАНБ** *а.* جنب паҳлу, тараф: **андар ҷанби…, ба ҷанби…**

**ҶАНБА** *а.* جنبه хислат ва хусусиятҳои хос, сифат; асос.

**ҶАНВАР** جنور *ниг.* **ҷонвар**.

**ҷанг** جنگ 1. *асоси замони ҳозира аз* **ҷангидан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънии* ҷанганда: **хурӯсҷанг**, **сагҷанг**…

**ҶАНГ** جنگ 1. ҳарб, набард, муҳориба байни ду тарафи мутақобил, задухӯрд ва кушокушии ду лашкари тарафҳо ё давлатҳои ба ҳам муқобил. 2. бо ҳам дастбагиребон шудан ва ҳамдигарро дашному ҳақорат додани ду кас ё ду гурӯҳ, занозанӣ ва задухӯрди ду ҳайвон бо ҳам. 3. ҷабҳа, фронт. 4. дашном, сарзаниш, носазо: **ҷангу сарзаниш; ҷанги беяроқ** *ниг.* **ҷанги сард; Ҷанги Бузурги Ватанӣ** ҷанги халқи шӯравӣ дар солҳои 1941-1945 ба муқобили Олмони фашистӣ; **ҷанги дохилӣ** ҷанги байни гурӯҳҳои ба ҳам муқобили як мамлакат; **ҷанги дастбагиребон** бо душман омехта шуда ҷангидан, ҷанги тан ба тан; **ҷанги даҳонакӣ** ҷанҷолу хархашаи лафзӣ, дашномдиҳӣ (якдигарро); **ҷанги ғоратгарона**; **ҷанги кӯчагӣ** ҷанге, ки дар кӯчаҳо бурда мешавад; **ҷанги мағлуба** ба ҳам омехта бо якдигар задухӯрд ва кашокаш кардани ду лашкар (ду тараф); **ҷанги сард** низоъ ва душманӣ кардан бе кор фармудани аслиҳа, хархаша ва кашмакаши сиёсӣ; **ҷанги синфӣ** ҷанги байни синфҳои ҷамъият, муборизаи синфӣ; **ҷанги тан ба тан** ҷанги якка ба якка, ҷанги даст ба гиребон; **ҷанги хунин** задухӯрди хунин, ҷанги сахт; **ҷанги ҳамватанӣ** *ниг.* **ҷанги дохилӣ**; **ҷанги ҷаҳонӣ** ҷанге, ки як қатор давлатҳоро

ба гирдоби худ кашида бошад; **ҷангу ҷанҷол** кашмакашу ҳархашаи байни ду тараф, ду кас; **ҷангу ҷидол** а) ҳарбу зарб, муҳориба; б) мубориза; в) ҳархаша, кашмакаш; **машқи ҷанг** машқи ҷанг кардан, тамрини ҷанг, омӯхтани тариқаҳои ҷанг; **ҷанг андохтан ду тараф ё ду касро** ҷанг кунондан ду тараф ё ду касро, боиси ҷанги ду тараф гардидан (*бештар бо игво*); **ҷанг кардан** а) муҳориба кардан, ҷангидан (бо силоҳ); б) ба якдигар дарафтодан, занозанӣ кардан, ҳамдигарро дашном додан, ҳархашаи лафзӣ кардан; в) ҷанҷол кардан, сарзаниш ва маломат кардан (касеро); **ҷанг хезондан** ҷанҷол бардоштан; боиси ҷанг ва ҳархаша гардидан; **ба ҷанг даромадан** ба ҳарбу зарби байни давлатҳо дохил шудани давлате, ҷанг сар кардан.

**ҶАНГАЛ** جنگل 1. дарахтзори зич ва ба ҳам печида, беша; **ҷангали дарахтони сӯзанбарг, ҷангали касногузар, хоҷагии ҷангал, саноати ҷангал; пул бошад, дар ҷангал шӯрбо** (*мақ.*). 2. як хел растании паттагии хордор, ки хорҳои тез дорад.

**ҶАНГАЛБОН** جنگلبان посбони ҷангал, бокунандаи ҷангал.

**ҶАНГАЛБОНӢ** جنگلبانی шуғл ва амали ҷангалбон; бонӣ кардани ҷангал.

**ҶАНГАЛБУРӢ** جنگلبری буридани дарахтони ҷангалӣ.

**ҶАНГАЛДАШТ** جنگلدشت *ҷугр.* даште, ки ҷангал дорад.

**ҶАНГАЛДАШТӢ** جنگلدشتی ҳар чизи мансуб ба ҷангалдашт.

**ҶАНГАЛДОР** جنگلدار ҷое, ки ҷангал дорад; дорандаи ҷангал, ҷангалбон, ҷангалпарвар.

**ҶАНГАЛДОРӢ** جنگلداری нигоҳубини ҷангал, ҷангалпарварӣ.

**ҶАНГАЛЁЛ** جنگلیال дорои ёли дарозу зич, ки нисбат ба асп ё шер истифода мешавад.

**ҶАНГАЛЗОР** جنگلزار ҷое, ки ҷангали бисёр дорад, ҷои дарахтони буттагӣ, бешаи дарахтони хордор.

**ҶАНГАЛИСТОН** جنگلستان *ниг.* **ҷангалзор**.

**ҶАНГАЛӢ** جنگلی *мансуб ба* **ҷангал**; рӯида дар ҷангал, бошанда дар ҷангал: **буттаҳои ҷангалӣ, парандагони ҷангалӣ**.

**ҶАНГАЛНИШИН** جنگلنشین он ки дар ҷангал зиндагӣ мекунад, сокини ҷангал, бошандаи ҷангал.

**ҶАНГАЛПАРВАР** جنگلپرور он ки нигоҳубини ҷангал бар дӯши ӯст, посбони ҷангал, парварандаи ҷангал.

**ҶАНГАЛПАРВАРӢ** جنگلپروری ҷангал парвариш кардан, ҷангал рӯёндан, сабзондани ҷангал.

**ҶАНГАНДОЗӢ** جنگاندازی ҷанг андохтани ду тараф ё ду кас, ҷанг хезондан байни ду тараф ё ду кас, низоъандозӣ.

**ҶАНГАРА** جنگره 1. одам ё ҳайвоне, ки бе ҷанг истода наметавонад, касе ё ҳайвоне, ки ҳамеша майли ҷангидан дорад: **бачаи ҷангара, тагали ҷангара**. 2. ҷанҷолӣ, серғавғо, серҳархаша.

**ҶАНГАРАГӢ** جنگرگی ҷангара будан, ҷанҷолӣ будан.

**ҶАНГАРОС** جنگراس *калимаи тақлиди овоз*, ки афтида овоз баровардани чизҳои филизӣ ва тунукагиро мефаҳмонад.

**ҶАНГАР-ҶУНГУР** جنگرجنگر *калимаи тақлиди овоз*, ки садои зангӯла ё чизҳои ба ин монандро ифода мекунад.

**ҶАНГАФЗОР** جنگافزار василаҳои ҷангӣ, воситаҳои размӣ, силоҳу яроқ, аслиҳа.

**ҶАНГАФРӮЗ** جنگافروز он ки боиси ҷанг мешавад, афрӯзандаи ҷанг.

**ҶАНГБОЗӢ** جنگبازی 1. ҷанг кардан ба тариқи бозӣ. 2. ба ду тараф ҷудо шуда, ба тақлид бо ҳам ҷангидани бачаҳо.

**ҶАНГВАР** جنگور 1. ҷангхоҳ. 2. сарбоз, аскар, марди ҷангӣ.

**ҶАНГГОҲ** جنگگاه ҷои ҷанг, майдони ҷанг, набардгоҳ, маҳали муҳориба.

**ҶАНГДИДА** جنگدیده иштирокдори ҷанг, дар ҷанг таҷрибаҳосилкарда, ҷангозмуда.

**ҶАНГДӮСТ** جنگدوست 1. ҷангхоҳ. 2. ҷангара.

**ҶАНГИДАН** جنگیدن 1. ҷанг кардан, ҳарб намудан, набард кардан, дар ҷанг ширкат кардан. 2. занозанӣ кардан, дастбагиребон шудан; **бо**

**дандону нохун чангидан** сахт чангидан, то охирин қуввати худ чангидан; **бо ҳам чангидан** бо ҳам чанчол кардан, бо ҳам ситезидан.

**ЧАНГӢ** جنگی 1. *мансуб ба* **чанг: кулоҳи чангӣ, лавозимоти чангӣ, нишони чангӣ, таҷрибаи чангӣ, техникаи чангӣ.** 2. чанговар, мубориз: **чавонони чангӣ**. 3. чангара, чангчӯ: **хурӯси чангӣ**. 4. чанговарӣ, ҳарбӣ: **маҳорати чангӣ**. 5. ҳолати ноoштӣ будани ду кас, ногап будани ду кас; **чангӣ будан** ногап будан; **чангӣ шудан** ногап шудан, қаҳрӣ шудан.

**ЧАНГКУНАНДА** جنگ‌کننده *ниг.* **чангӣ** 2. 3.

**ЧАНГНОДИДА** جنگ‌نادیده бе таҷрибаи чангӣ, дар чанг набуда.

**ЧАНГНОМА** جنگنامه китоб ё асаре, ки дар он чангҳо тасвир шудаанд, китоби корномаҳои чангӣ: **чангномаи Рустам, чангномаи Абумуслим**.

**ЧАНГНОМАХОНӢ** جنگنامه‌خوانی хондани китоби чангнома, қироати чангномаҳо.

**ЧАНГОВАР** جنگ‌آور 1. аскар, сипоҳӣ, сарбоз, марди чангӣ, муборизи майдони чанг. 2. мубориз, шучоъ, диловар дар ҳама корҳо.

**ЧАНГОВАРӢ** جنگ‌آوری чанговар будан, қаҳрамонӣ, шучоат, далерӣ (*дар чанг*).

**ЧАНГОВАРОНА** جنگ‌آورانه ба тарз ва рафтори чанговар, ба тарзи чангӣ ва чанговарӣ; **корнамоиҳои чанговарона; рӯҳи чанговарона.**

**ЧАНГОЗМО(Й)** جنگ‌آزما(ی) чанговари ботаҷриба.

**ЧАНГОЗМУДА** جنگ‌آزموده чангдида, дар чанг иштироккарда.

**ЧАНГОНДАН** جنگاندن *шакли бавоситаи* **чангидан**; чанг андохтан (ду касро), боиси чанг шудан.

**ЧАНГСИГОЛ** جنگ‌سگال чангандеш, чангчӯй.

**ЧАНГСОЗ** جنگ‌ساز он ки омодаи чанг аст, чангхоҳ.

**ЧАНГТАЛАБ** جنگ‌طلب чангхоҳ, чангчӯ.

**ЧАНГТАЛАБӢ** جنگ‌طلبی амалу хислати чангталаб, чангталаб будан.

**ЧАНГТАЛАБОНА** جنگ‌طلبانه чангхоҳона, чангчӯёна.

**ЧАНГХОҲ** جنگ‌خواه чангчӯ, чангталаб, чангара.

**ЧАНГХОҲӢ** جنگ‌خواهی чангчӯӣ, чангталабӣ.

**ЧАНГХОҲОНА** جنگ‌خواهانه чангталабона, чангчӯёна.

**ЧАНГЧӮ(Й)** جنگ‌جو(ی) 1. чангхоҳ, чангталаб; *муқоб.* **сулҳчӯ.** 2. баҳонаталаб барои чанг кардан бо касе.

**ЧАНГЧӮЁНА** جنگ‌جویانه дар ҳолати чангчӯӣ, чангталабона: **сиёсати чангчӯёна.**

**ЧАНГЧӮӢ** جنگ‌جوئی 1. чангхоҳӣ, чангталабӣ. 2. чанчолкобӣ, хархашаталабӣ, баҳона кофтан ба чанг: **чангчӯӣ кардан**.

**ЧАНДА** جنده *ниг.* **жанда**.

**ЧАНДАЛА** جندله чидду чаҳд, саъю кӯшиш; **чандала кардан (намудан)** кӯшиш кардан.

**ЧАНДАПӮШ** جنده‌پوش *ниг.* **жандапӯш**.

**ЧАНИБА(Т)** *а.* جنیبه//جنیبت *кит.* асп; аспи кӯтал, аспи етакӣ (*бештар аспи махсуси подшоҳ*); аспи радиф, аспе, ки саворон ҳамроҳи худ мебаранд.

**ЧАНИБАБАР** جنیبه‌بر *кит.* барандаи чаниба, чанибаткаш, мирохур; саис.

**ЧАНИБАТДОР** جنیبت‌دار *ниг.* **чанибаткаш**: **чанибатдори нури субҳгоҳӣ** *киноя аз* Офтоб.

**ЧАНИБАТКАШ** جنیبت‌کش *кит.* мирохур, саис.

**ЧАНИН** *а.* جنین 1. бачае, ки дар шиками модар аст. 2. *мач.* ибтидои ҳар чиз, оғози ҳар чиз.

**ЧАНИНДОН** جنین‌دان чои чанин дар шикам, басадон, раҳмадон.

**ЧАНИНДОР** جنین‌دار зан ё ҳайвоне, ки дар шикам чанин дорад.

**ЧАНИНӢ** جنینی 1. дар ҳолати чанин будан. 2. *мач.* шакли ибтидоӣ, ҳолати оғози ҳар чиз: **дар ҳолати чанинӣ**.

**ЧАНИНШИНОС** جنین‌شناس *тиб.* мутахассиси илми чаниншиносӣ, эмбриолог.

**ЧАНИНШИНОСӢ** جنین‌شناسی *тиб.* илм дар бораи пайдоиш ва афзоиши чанин, эмбриология.

**ҶАННАТ** *а.* جنّت 1. *ниг.* **биҳишт**. 2. *маҷ.* макони озодӣ ва хушбахтӣ.

**ҶАННАТӢ** جنّتی 1. *мансуб ба* **ҷаннат**. 2. лоиқи ҷаннат; **одами ҷаннатӣ** одами пок ва бегуноҳ.

**ҶАННАТКАДА** جنّت‌کده ҷой монанди ҷаннат.

**ҶАННАТМАКОН** جنّت‌مکان *ниг.* **ҷаннатӣ** 2.

**ҶАНОБ** I *а.* جناب калимае, ки барои иззату эҳтиром нисбат ба касе гуфта мешавад, ҳазрат: **ҷанобӣ олӣ**.

**ҶАНОБ** II *а.* جناب *кит.* остона.

**ҶАНОБАТ** *а.* جنابت *д.* ҳолати пеш аз ғусл, ҷунубӣ, нопокӣ, нопокии пас аз ҷимоъ ва эҳтилом, ки барои тоза шудан аз он ғусл зарур аст.

**ҶАНОЗА** *а.* جنازه 1. мурда, ҷасади мурда. 2. тобут бо ҷасади мурда.

**ҶАНОЗАХОНӢ** جنازه‌خوانی *д.* хондани намози ҷаноза.

**ҶАНОН** *а.* جنان *кит.* дил, қалб.

**ҶАНОҲ** *а.* جناح 1. бол, қаноти паранда. 2. қисми паҳлӯии лашкар, яке аз ду тарафи лашкар, ки маймана ё майсара мебошад.

**ҶАНОҲАЙН** *а.* جناحین ду паҳлуи лашкар; маймана ва майсара.

**ҶАНОҲӢ** جناحی *ҳ.* *мансуб ба* **ҷаноҳ** 2.

**ҶАНУБ** *а.* جنوب яке аз тарафҳои чоргона; тарафи муқобили шимол.

**ҶАНУБӢ** جنوبی *мансуб ба* **ҷануб**: воқеъ дар тарафи ҷануб; **канори ҷанубии..., тарафи ҷанубии....**

**ҶАНҶОЛ** جنجال ҷанг, хархаша, кашокаш, кашмакаш, низоъ, ғавғо; **ҷанҷоли забонӣ** ғавғо, дашному ҳақорат; **ҷанҷолу занозанӣ** кашмакаш ва дастбагиребон шудан; **ҷанҷол афтидан (миёни ду кас)** низоъ пайдо шудан; **ҷанҷол бардоштан (баровардан)** ғавғо сар кардан, низоъ ангехтан; **ҷанҷол кардан** низоъ ва хархаша кардан; **ҷанҷол баромадан (хестан)** низоъ бархостан (дар сари чизе); **ҷанҷол яктарафа шудан** низоъ аз байн рафтан, хотима ёфтани ғавғою низоъ; **дар ҷанҷол мондан** дар бало мондан, ба низоъ ва ғавғо дучор шудан.

**ҶАНҶОЛӢ** جنجالی 1. масъалае, ки дар атрофи он низоу хархаша меравад, баҳснок: **масъалаи ҷанҷолӣ**. 2. ҷанҷолбардор, ҷанҷолхезонанда, он ки ҳамеша майли ҷанҷол кардан дорад. 3. ҷанҷолӣ, он ки ҷанҷол мекунад: **одами ҷанҷолӣ**.

**ҶАНҶОЛТАЛАБ** جنجال‌طلب ҷанҷолӣ, ҷанҷолхоҳ, пархошгар.

**ҶАР(Р)** *а.* جر 1. кашиш, кашидан ба сӯи худ; **ҷарри сақил** а) асбоб барои бардоштан ё кашидани борҳои вазнин; б) *кӯҳн.* механикаи назарӣ. 2. *грам.* ҳаракати зер, касра.

**ҶАР** جر 1. ҷои чуқури ба ҷӯи калон монанд, ки аз кофтани об, фурӯравии замин *ва ғ.* ҳосил шудааст, чуқуриҳои табиии замин; **ҷар кардан** аз баландӣ ба поён андохтан (касе, чизеро); **ҷар шудан** ба зер афтидан, аз баландӣ ба поён ғелида афтодан. 2. хандақ.

**ҶАРАБ** *а.* جرب яке аз бемориҳои пӯст, хориш.

**ҶАРАЁН** *а.* جریان 1. ҷорӣ шудан, равон шудан: **ҷараёни об, ҷараёни хун, ҷараёни ҳаво.** 2. гузориш, мурур, рафт; **ҷараёни воқеа**; **ҷараён доштан** гузаштан, ҷорӣ будан, давом ёфтан. 3. ҳаракат, амалиёт, равия: **ҷараёни нави адабӣ.**

**ҶАРАЁНГОҲ** جریان‌گاه ҷои ҷараёни чизе, маҷро: **ҷараёнгоҳи дарё, ҷараёнгоҳи об**.

**ҶАРАҚҚА** جرقّه ҷастани оташ, ба ҳаво ҷаҳидани оташи фурӯзон, барқи оташ, якбора дурахшидан.

**ҶАРАҚҚИДАН** جرقّیدن якбора дурахшидан, якбора ҷило додан.

**ҶАРАҚ–ҶАРАҚ** جرق‌جرق *гуфт.* дурахш(идан), ҷило додан, барқ задан: **ҷарақ-ҷарақ тофтан**.

**ҶАРАНГАС** جرنگس *калимаи тақлиди овоз*, ки аз якбора ба ҳам задани чизи филизӣ ҳосил мешавад.

**ҶАРАНГДОР** جرنگ‌دار 1. чизе ки садои ҷаранг дорад. 2. ҷарангосӣ, ҷарангкунанда; **ҳамсадои ҷарангдор** (*мас.*, б, в, г).

**ҶАРАНГДОРӢ** جرنگ‌داری овози ҷарангосӣ дошта.

**ҶАРАНГОС** جرنگاس *ниг.* **ҷарангас**; овози баланди чизҳои сахт ва таранг; **ҷарангоси тор;**

**гӯш ҷарангос задан** *ё* **дар гӯш ҷарангос задан** аз овози баланд ба танг омадани гӯш, сахт садо додан.

**ҶАРАНГОСЗАНӢ** جرنگاس‌زنی ҷарангос задан, овози ҷарангоси чизе: **садои ҷарангосзании тангаҳо**.

**ҶАРАНГОСЗАНОН** جرنگاس‌زنان дар ҳолати ҷарангос задан.

**ҶАРАНГОСӢ** جرنگاسی овози ҷарангдор доштан, ҷаранги карда садодиҳанда (*мас.,* филизот): **овози ҷарангосӣ, овози ҷарангосӣ баровардан**.

**ҶАРАНГ-ҶАРАНГ** جرنگ‌جرنگ овози ҷарангоси давомдор.

**ҶАРАС** *а.* جرس *кит.* занге, ки бар гардани чорпоён, хусусан шутур мебанданд, зангӯла.

**ҶАРАСҶУНБОН** جرس‌جنبان *кит.* зангӯлаҷунбон; посбон, посдори шаб, ки дар кӯчаҳо зангӯла ва ё шақшаққа ҷунбонда мегардад, то дуздҳо кӯчаро хилват наёбанд.

**ҶАРИБ** *а.* جریب 1. масоҳате тақрибан баробари даҳ ҳазор метри мураббаъ. 2. паймонаи ғалла.

**ҶАРИБКАШ** جریب‌کش он ки замин андоза мекунад.

**ҶАРИБОНА** جریبانه *кҳн.* як навъ андоз, ки барои ҳар як ҷариб замин мегирифтанд.

**ҶАРИД** *а.* جرید танҳо; он ки ба танҳоӣ кор мекунад.

**ҶАРИДА** *а.* جریده 1. *кит.* дафтар, китоб. 2. рӯзнома.

**ҶАРИДАНАВИС** جریده نویس *ниг.* **рӯзноманигор**.

**ҶАРИДАНАВИСӢ** جریده‌نویسی *ниг.* **рӯзноманигорӣ**.

**ҶАРИДАНИГОР** جریده‌نگار рӯзноманигор, аҳли матбуот.

**ҶАРИДАНИГОРӢ** جریده‌نگاری амалу шуғли ҷариданигор, навиштани маводиб (хабари гузориш *ва г.*) барои рӯзнома ва ороишу таҳияи онҳо.

**ҶАРИМА** *а.* جریمه ҷазои пулӣ, ҷазои молӣ: **ҷарима андохтан, ҷарима гирифтан, ҷарима додан, ҷарима бастан**.

**ҶАРИМАБАНДӢ** جریمه‌بندی ҷарима ситондан, ҷарима кардан, ҷарима бастан.

**ҶАРИМАВӢ** جریموی *мансуб ба* **ҷарима: тӯби ҷаримавӣ.**

**ҶАРИМАПУЛӢ** جریمه‌پولی *нав.* пули ҷарима.

**ҶАРИНОК** جریناک ҷое, ки ҷарӣ дорад, ҷое, ки ҷарҳои бисёр дорад.

**ҶАРӢ** I جری 1. *ниг.* **ҷар: дар ҷарӣ, ҷарии чуқур, ҷои ҷарӣ, аз ҷариҳо гузаштан**. 2. *ба тарзи истиора* ҷои пурхатар, пурбим.

**ҶАРӢ** II *а.* جری ҷуръаткор, шуҷоъ, далер.

**ҶАРОД** *а.* جراد *кит.* малах; **ҷароди афсар** малахи зард.

**ҶАРОДУЛБАҲР** *а.* جرادالبحر *зоол.* харчанги хурди баҳрӣ.

**ҶАРОИД** *а.* جرائد//جراید *ҷ.* **ҷарида**.

**ҶАРОИМ** *а.* جرائم//جرایم *ҷ.* **ҷарима**.

**ҶАРОСАК** جراسک чирчирак, малахи сиёҳ.

**ҶАРОҲАТ** *а.* جراحت захм, реш, ки дар бадани инсон ё ҳайвон худ аз худ ё аз асари чизе пайдо шавад; **ҷароҳати баҳамомада** реши сиҳатшуда ё ба сиҳат шудан наздик; **ҷароҳати омоскарда** захми варамида ва газакгирифта; **ҷароҳати ҷанг** *маҷ.* осебҳое, ки дар натиҷаи ҷанг ба ҷое расидааст; **ба ҷароҳати касе намак пошидан** дарду алами касеро бо гапе ё коре боз ҳам афзудан.

**ҶАРОҲАТБАНД** جراحت‌بند дока ва ё чизе, ки бо он ҷароҳат банданд, бандина.

**ҶАРОҲАТБАНДӢ** جراحت‌بندی 1. ҷароҳатро бастан. 2. **ҷои ҷароҳатбандӣ**.

**ҶАРОҲАТДИДА** جراحت‌دیده ҷароҳатдор.

**ҶАРОҲАТДОР** جراحت‌دار захмдор, ярадор.

**ҶАРОҲАТНОК** جراحت‌ناک *ниг.* **ҷароҳатдор.**

**ҶАРРА** *а.* جرّه *кит.* кӯза, сабӯ.

**ҶАРРОР** *а.* جرّار 1. ба сӯи худ кашанда. 2. анбӯҳ, бисёр: **лашкари ҷаррор**. 3. *маҷ.* далер, нотарс; **каждуми ҷаррор** як навъ каждуми калони зардранги пурзаҳри кушанда.

**ҶАРРОҲ** *а.* جرّاح *тиб.* муолиҷакунандаи ҷароҳатҳо, пизишке, ки бо усули ҷарроҳӣ ба бе-

мор шифо бахшад.

**ҶАРРОҲИЯ** *а.* جرّاحیه *ниг.* **ҷарроҳӣ**.

**ҶАРРОҲӢ** جرّاحی 1. касб ва амали ҷарроҳ. 2. он чи ки ба кори ҷарроҳӣ мансуб аст: **амалиёти ҷарроҳӣ, асбоби ҷарроҳӣ, утоқи ҷарроҳӣ**.

**ҶАРРУЛАСҚОЛ** جرّالاثقال *физ.* механика, илми бардоштан ва бурдани чизҳои вазнин; ҷарри сақил, ҷарри асқол.

**ҶАРЧӢ** جرچی касе, ки дар кӯчаву бозорҳо фармони ҳукумат, гум шудан ё ёфт шудани чизеро бо овози баланд эълон мекард, ҷорчӣ, мунодӣ.

**ҶАСАД** *а.* جسد 1. бадан, тан, ҷисми одам. 2. тани шахси мурда, наъш.

**ҶАСИМ** *а.* جسیم *кит.* бузурҷусса, калонҷусса, ҷисман бузург: **кӯҳи ҷасим**.

**ҶАСК** جسک *кит.* ранҷ, бало.

**ҶАСОМАТ** *а.* جسامت *кит.* калонӣ, бузургӣ, азимӣ, танумандӣ.

**ҶАСОРАТ** *а.* جسارت 1. ҷасурӣ, далерӣ, шуҷоат. 2. нотарсии густохона, густохӣ, бебокӣ; **ҷасорат кардан** ҷуръат нишон додан, дилу гурда кардан.

**ҶАСОРАТМАНД** جسارت‌مند ҷасур, шуҷоъ, далер, шуҷоатманд.

**ҶАСОРАТНОК** جسارتناک *ниг.* **ҷасоратманд**.

**ҶАСОРАТНОКӢ** جسارتناکی шуҷоатмандӣ, нотарсӣ, далерӣ.

**ҶАСТ** جست ҷаҳиш, ҷаҳидан; ҷасту хез.

**ҶАСТА** جسته ҷаҳида, якбора аз ҷо баромада: **тири аз камон ҷаста; ҷаста-ҷаста** ҳаракати ҷаҳишдори пайваста ва давомдор.

**ҶАСТАН** جستن 1. хез задан, паридан, ҷаҳидан, якбора аз ҷо баланд шудан. 2. халос шудан, раҳо шудан, раҳоӣ ёфтан; **аз ҷой ҷастан** а) аз ҷой ҷаҳидан; б) аз ҷой канда шудан; **берун ҷастан** берун шудан, тохта баромадан.

**ҶАСТАНГОҲ** جستن‌گاه *ниг.* **ҷастгоҳ**.

**ҶАСТУХЕЗ** جستوخیز ҳаракати ҷаҳишдор, ҷастану хез задан (*ҳаракати тези об, мавҷ, този асп ва г.*).

**ҶАСТГОҲ** جست‌گاه *нав.* теппача, суфача ё ҷои баланди махсус барои ҷаҳидани варзишгари лижарон ё шиновар.

**ҶАСУР** *а.* جسور далер, шуҷоъ, нотарс, пур– дил.

**ҶАСУРӢ** جسوری ҷасорат, нотарсӣ, далерӣ.

**ҶАСУРОНА** جسورانه далерона, шуҷоатмандона, нотарсона, пурдилона.

**ҶАФАНГ** جفنگ *кит.* беҳуда, гапи бемаънӣ, ёва.

**ҶАФН** *а.* جفن *кит.* пилки чашм, милки чашм.

**ҶАФО** *а.* جفا ситам, зулм, ҷабр, озор; **ҷафову зорӣ** зулму машаққат, азобу озор; **ҷабру ҷафо** зулму ситам, азобу озор; **теғи ҷафо** шамшери зулму тааддӣ; **ҷафо кардан** озор додан, зулму ситам кардан; **ҷафо кашидан** азоб кашидан, ҷавр дидан, ситам дидан; **ба ҷони худ ҷафо кардан** худро ба азоб мондан, ба худ ситам кардан.

**ҶАФОАНДЕШ** جفااندیش бадандеш, он ки нияти ҷафо кардан дорад.

**ҶАФОБИН** جفابین ҷафокаш, ситамкаш.

**ҶАФОГАР** جفاگر *ниг.* **ҷафокор**.

**ҶАФОГУСТАР** جفاگستر зулму ситамкарда ба халқ.

**ҶАФОДИДА** جفادیده ситамкашида, озордида, азобдида.

**ҶАФОКАШ** جفاکش ситамкаш, мазлум.

**ҶАФОКАШӢ** جفاکشی *марбут ба* **ҷафокаш**.

**ҶАФОКЕШ** جفاکیش *ниг.* **ҷафокор**.

**ҶАФОКОР** جفاکار ситамгар, золим.

**ҶАФОКОРӢ** جفاکاری зулмпешагӣ, золимӣ, ситамгорӣ, ҷафопешагӣ.

**ҶАФООМЕЗ** جفاآمیز кирдор ва рафторе, ки аз раҳму шафқат дур аст, омехта ба ҷафо.

**ҶАФОПЕША** جفاپیشه ҷафокор, золим, ситампеша, ситамгор.

**ҶАФОПИСАНД** جفاپسند раводорандаи зулму ситам, он ки бадкориву ҷафокорӣ амали писандидаи ӯ мебошад.

**ҶАФОҶӮЙ** جفاجوی ҷафокор, ситамгор, ситамгар, зулмпеша.

**ҶАФС** جفس ба ҳамдигар пайваст, ба ҳамдигар

хеле наздик, зич; **ҷафс-ҷафс** зич, ба якдигар хеле наздик; **ҷафс кардан (намудан)** чизеро ба чизе пайваст кардан, чизеро ба чизе сахт часпондан, зич шудан, ба якдигар расида истодан.

**ҶАФСӢ** جفسی зичӣ, ҳолати пайвастагии чизе.

**ҶАФСРАНДА** جفسرنده як навъ рандаи дарози дуредгарон.

**ҶАФТА** جفته *кит.* хамида, дуто, дуқад; кач.

**ҶАФТАН** جفتن *кит.* хамидан, хам шудан, дуто шудан.

**ҶАХ//ҶАХ** جخ//چخ *кит.* ғилоф, ғилофи корд, шамшер *ва г.*

**ҶАХШ** جخش ғуррӣ, буқоқ.

**ҷаҳ** جه *асоси замони ҳозира аз* **ҷастан, ҷаҳидан**.

**ҶАҲАНДА** جهنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **ҷаҳидан**. 2. ҷастухезкунанда, хеззананда, паранда (аз болои чизе, *мас.*, дар варзиш).

**ҶАҲАННАМ** *а.* جهنّم 1. дӯзах, ҷое, ки дар он ҷо гунаҳгорон месӯзанд. 2. *маҷ.* ҷои бисёр гарми пуразобу пуразият; **ба ҷаҳаннам**! ибораи дашном барои ифода кардани номатлубии чизе; **ба ҷаҳаннам рафтан** несту нобуд шудан; **ба ҷаҳаннам фиристодан** нест кардан, кушта нобуд кардан (дар ҳаққи одами бадкор); **алавмони ҷаҳаннам** *киноя аз* одами ниҳоят бадкор.

**ҶАҲАННАМӢ** جهنّمی 1. *мансуб ба* **ҷаҳаннам**; ҷаҳаннамбоб. 2. *маҷ.* одами хеле бад.

**ҶАҲД** *а.* جهد 1. саъй, кӯшиш, ғайрат. 2. зӯрзанӣ барои иҷрои коре: **ҷаҳду кӯшиш (ғайрат), азму ҷаҳд; ҷаҳду ҷадал** ҷаҳди бисёр, кӯшиш ва ҷандала; **ҷаҳд доштан** кӯшиш кардан; **ҷаҳд кардан (намудан)** а) кӯшиш кардан; б) ғайрат кардан, саъй кардан.

**ҶАҲИДАН** جهیدن 1. ҷастан, хез задан, паридан (аз ҷое ба ҷое дар замин); **ҷаҳида (берун) баромадан** ҷаста баромадан, ҷаста берун шудан; **ҷаҳида гузаштан** хез карда гузаштан, парида гузаштан; **ҷаҳида баромадан** хез карда баромадан ба болои *мас.,* асп; **ҷаҳида хестан** якбора ҷастан аз ҷои худ, бо шиддат аз ҷо хестан; **берун ҷаҳидан** бо суръат берун шудан (аз ҷое). 2. берун шудан, ҷастан, тез баромадан, парида баромадан. 3. паридан, бо суръат рафтан; **бо як ҷаҳидан** *маҷ.* бо андак кӯшиш.

**ҶАҲИМ** *а.* جحیم *д.* дӯзах, номи яке аз ҳафт қисми дӯзах; **нори ҷаҳим** оташи дӯзах.

**ҶАҲИШ** جهش 1. ҷаҳидан, хез задан, ҳаракати якбора аз ҷое ба ҷое. 2. *маҷ.* пешрафти бузург, пешравии хеле суръатнок.

**ҶАҲЛ** *а.* جهل 1. нодонӣ, ҷаҳолат, беилмӣ; **ҷаҳли мураккаб** нодонии худро надониста худро доно шуморидан, нодонии аз ҳад зиёд; **аз сари ҷаҳл** ба сабаби нодонӣ. 2. *гуфт.* хашм, қаҳр, ғазаб; **ҷаҳли касеро овардан** касеро ба ғазаб овардан, хашмгин кардан; **аз аспи ҷаҳл фуровардан** қаҳру ғазаби касеро паст кардан; **аз ҷаҳл фуромадан** ором шудан, таскин ёфтани хашмгинии касе; **ба аспи ҷаҳл савор шудан** ғазабнок шудан; **гардани ҷаҳл шиканад**! дар мазамммати хашм барои паст кардани хашми касе гуфта мешавад.

**ҶАҲЛОМЕЗ** جهلآمیز хашмомез, боғазаб, қаҳролуд.

**ҶАҲОЗ** *а.* جهاز 1. *ниг.* **ҷиҳоз**. 2. полони шутур.

**ҶАҲОЛАТ** *а.* جهالت нодонӣ, бехабарӣ, ғафлат.

**ҶАҲОЛАТПАРАСТ** جهالتپرست 1. мутаассиб, ҷоҳил. 2. маърифатбезор, душмани фарҳанг, иртиҷопараст.

**ҶАҲОЛАТПАРАСТӢ** جهالتپرستی 1. мутаассибӣ, ҷоҳилӣ. 2. маърифатбезорӣ, иртиҷоӣ.

**ҶАҲОЛАТПЕША** جهالتپیشه *ниг.* **ҷаҳолатпараст**.

**ҶАҲОН** I جهان *феъли ҳоли замони ҳозираи* **ҷастан, ҷаҳидан**.

**ҶАҲОН** II جهان 1. дунё, гетӣ, олам, рӯи Замин, кураи Замин. 2. *киноя аз* ҳамаи халқ, тамоми мардум. 3. ҷамъият, сохти ҷамъиятӣ; **ҷаҳони сармоядорӣ**; **ҷаҳони ботинӣ** олами ботинӣ, замири дил; **ҷаҳони бекасӣ** танҳоӣ, надоштани ҳамдам; **ҷаҳони гузарон** дунёи гузаранда; **аҳли ҷаҳон** мардум, мардуми рӯи Замин; **ду ҷаҳон** *д.* ду дунё, ин дунё ва охират; **ҷаҳон ба** *касе* **танг шудан** *киноя аз* сахт дилтанг шудан, ба худ ҷо ёфта натавонистан; **як ҷаҳон** хеле бисёр, ниҳоят фузун; **ҷаҳон-ҷаҳон** як дунё, хеле бисёр; **аз ҷаҳон чашм пӯшидан** вафот

кардан, мурдан; **ба ҷаҳон омадан** таваллуд ёфтан; **машҳури ҷаҳон будан** шӯҳрати калон доштан; **овораи ду ҷаҳон гардидан** овора шудан, саргардон шудан, ба худ ҷо ёфта натавонистан, аз ҷое ронда ва аз ҷои дигар монда будани касе.

**ҶАҲОНАФРӮЗ** جهان‌افروز равшанкунандаи ҷаҳон, нурбахш ба ҷаҳон: **хуршеди ҷаҳонафрӯз**.

**ҶАҲОНБАХШ** جهان‌بخش саховатманд, ниҳоят саховатпеша,

**ҶАҲОНБИН** جهان‌بین 1. он ки ё он чи ҷаҳон ва ҳодисоти онро мебинад: **ақли ҷаҳонбин**. 2. сифати чашм: **дидаи ҷаҳонбин**. 3. сайёҳ, ҷаҳонгард.

**ҶАҲОНБИНӢ** جهان‌بینی доираи назар, доираи назари ҳар кас нисбат ба табиат ва ҷамъият, мафкура: **ташаккули ҷаҳонбинӣ; васеъ шудани ҷаҳонбинӣ.**

**ҶАҲОНБОН** جهان‌بان 1. Худованд, Офаридгор. 2. *маҷ.* нигаҳбони ҷаҳон; подшоҳ.

**ҶАҲОНБОНӢ** جهان‌بانی ҷаҳонбон будан, ҳукмрони ҷаҳон будан, ихтиёри ҷаҳонро дар даст доштан.

**ҶАҲОНГАРД** جهان‌گرد ҷаҳонпаймо, сайёҳ, гардишгард.

**ҶАҲОНГАРДӢ** جهان‌گردی ҷаҳонро гаштан, ҷаҳонро сайру саёҳат кардан, сайёҳӣ, гардишгарӣ.

**ҶАҲОНГАРОӢ** جهان‌گرائی бо пешрафти илму техникаи дунё ҳамқадам будан, глобализатсия, ҷаҳонишавӣ, ҷаҳоншумулӣ.

**ҶАҲОНГАШТА** جهان‌گشته он ки бисёр сафар карда бисёр ҷоҳоро дидааст, дунёдида, ҷаҳондида.

**ҶАҲОНГИР** جهانگیر 1. тасхиркунандаи ҷаҳон, истилогар; фотеҳ (*сифати подшоҳон*). 2. *маҷ.* машҳур ва шӯҳратманд бо ягон хислати худ: **шӯҳрати ҷаҳонгир**.

**ҶАҲОНГИРӢ** جهانگیری истилогарӣ, тасхир кардани ҷаҳон.

**ҶАҲОНДАН** جهاندن *ниг.* **ҷаҳонидан**.

**ҶАҲОНДИДА** جهان‌دیده 1. он ки бисёр сафар кардааст, пурдида, ботаҷриба, пурдон. 2. он ки бисёр сафар карда ҷаҳонро дидааст, сайёҳи ҷаҳонгард.

**ҶАҲОНДОР** جهان‌دار *кҳн.* соҳиб ва нигаҳбони ҷаҳон (*лақаби подшоҳон*).

**ҶАҲОНДОРӢ** جهان‌داری 1. идора кардани ҷаҳон. 2. *маҷ.* подшоҳӣ.

**ҶАҲОНИДАН** جهانیدن 1. рондан, давондан. 2. гурезондан. 3. партоб кардан. 4. ба паридан аз ҷое маҷбур кардан; пойга давондан.

**ҶАҲОНИЁН** جهانیان *ниг.* **ҷаҳонӣ**; аҳли ҷаҳон, мардуми ҷаҳон.

**ҶАҲОНИШАВӢ** جهانی شوی *ниг.* **ҷаҳонгароӣ**.

**ҶАҲОНӢ** جهانی *мансуб ба* **ҷаҳон**; сазовори ҷаҳон, лоиқи ҷаҳон, хоси ҷаҳон: **мусобиқаи ҷаҳонӣ, рекорди ҷаҳонӣ, сулҳи ҷаҳонӣ, файласуфи ҷаҳонӣ, шӯҳрати ҷаҳонӣ; ҷаҳониён** аҳли ҷаҳон; мардуми ҷаҳон: **ҷаҳонӣ шудан**.

**ҶАҲОНКУШО** جهان‌کشا *кҳн.* тасхиркунандаи олам (*лақаби подшоҳон*).

**ҶАҲОНКУШОӢ** جهان‌کشائی амалу сифати ҷаҳонкушо.

**ҶАҲОННАВАРД** جهان نورد *ниг.* **ҷаҳонгард**.

**ҶАҲОННАМО** جهان‌نما нишондиҳандаи ҷаҳон, акскунандаи ҷаҳон; **ҷоми ҷаҳоннамо** *асот.* ҷоми Ҷамшед, ки гӯё чун оина ҳама ҳодисаҳои оламро дар худ мунъакис мекардааст; **оинаи ҷаҳоннамо** *киноя аз* телевизор.

**ҶАҲОНОЗМУДА** جهان‌آزموده *ниг.* **ҷаҳондида**.

**ҶАҲОНОРО** جهان‌آرا *кит.* зебдиҳандаи дунё, зеби ҷаҳон, зебо: **Офтоби ҷаҳоноро, моҳи ҷаҳоноро, рӯи (чеҳраи, ҷамоли) ҷаҳоноро.**

**ҶАҲОНОФАРИН** جهان‌آفرین 1. офарандаи ҷаҳон. 2. *маҷ.* Худо, Офаридгор.

**ҶАҲОНПАЙМО** جهان پیما *ниг.* **ҷаҳонгард**.

**ҶАҲОНПАҲЛАВОН** جهان‌پهلوان паҳлавони ҷаҳон, паҳлавони машҳури ҷаҳон (*лақаби Рустам аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ*).

**ҶАҲОНРАВОӢ** جهان‌روائی *ниг.* **ҷаҳондорӣ**.

**ҶАҲОНСИТОН** جهان‌ستان *ниг.* **ҷаҳонгир**.

**ҶАҲОНСОЛОР** جهان‌سالار сардору пешвои ҷаҳон; *киноя аз* подшоҳ.

**ҶАҲОНСӮЗ** جهان‌سوز 1. сӯзонандаи ҷаҳон, зо-

лим, ситамгор; истилогар. 2. ҷонгудоз (*дар бораи оҳ, нола, фиғон, фарёд*).

**ҶАҲОНТОБ** جهان‌تاب ҷаҳонафрӯз, оламафрӯз, равшанкунандаи ҷаҳон: **офтоби (хуршеди, шамси) ҷаҳонтоб**.

**ҶАҲОНФАҲМӢ** جهان‌فهمی *ниг.* **ҷаҳонбинӣ**. 2. дарк ва фаҳмидани ҳодисаву воқеаҳои ҷаҳон.

**ҶАҲОНҶӮЙ** جهان‌جوی ҷаҳонхоҳ, ҷаҳонгир; *киноя аз* подшоҳ.

**ҶАҲОНҶӮЁНА** جهان‌جویانه 1. ҷанговарона. 2. ҷангҷӯёна.

**ҶАҲОНШУМУЛ** جهان‌شمل дорои аҳамияти ҷаҳонӣ, ба ҷаҳон машҳур; машҳури ҷаҳон: **асари ҷаҳоншумул, олими ҷаҳоншумул**.

**ҶАҲР** I *а.* جهر 1. бо овози баланд дод зада хондани чизе. 2. овоз андохта, калимаҳоеро такрор кардани шайхон ва қаландарон.

**ҶАҲР** II جهر *ниг.* **ҷар**.

**ҶАҲР** III *а.* جهر ба равшанӣ аз ҳад зиёд ҳассос будани чашм, муассирии хеле баланди чашм ба равшанӣ.

**ҶАҲРАН** *а.* جهراً ба таври ошкоро, рӯйрост.

**ҶАҲРӢ** جهری он ки ҷаҳр мекунад.

**ҶАҲ-ҶАҲАК** جهجهک як навъ бозии бачагон, ки аз монеае ҷаҳида мегузаранд.

**ҶАҲ-ҶАҲАКБОЗӢ** جهجهک‌بازی бозии ҷаҳҷаҳак.

**ҶАҲҶАҚ** جهچق *ниг.* **ҷағҷағ**.

**ҶАҲУЛ** *а.* جهول *кит.* сахт ҷоҳил, он ки аз ҳад зиёд нодон аст.

**ҶАШАН** *а.* جشن *кит.* ҳарорат, таб, табларза.

**ҶАШН** جشن 1. ид, рӯзи тантана ва сурур (ба муносибати ягон воқеаи фараҳбахшу хуб): **ҷашни Истиқлол, ҷашни Наврӯз.** 2. маҷлиси шодмонӣ ба муносибати санаи таваллуди касе ё солгарди ягон ҳодисаи таърихӣ *ва г.*: **ҷашни Соли забони тоҷикӣ, ҷашни 1150-солагии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҷашни ҳабдаҳсолагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон**; **ҷашн доштан** ҷашн гирифтан; **ҷашн гирифтан (кардан)** ид кардан.

**ҶАШНВОРА** جشنواره ид ва тантанаи махсус ба ягон муносибат.

**ҶАШНГИРӢ** جشن‌گیری ид кардан, маҷлиси шодмонӣ барпо кардан.

**ҶАШНГОҲ** جشنگاه ҷои ҷашн, ҷои тантанаву сурур бахшида ба ҷашн.

**ҶАЪБА** *а.* جعبه *кит.* қуттӣ, сандуқча.

**ҶАЪД** *а.* جعد марғула, печдории мӯй, мӯйи ҷингила; **ҷаъди гесӯ** марғулаҳои гесӯ.

**ҶАЪДМӮЙ** جعدموی ҷингиламӯй, марғуламӯй.

**ҶАЪЛ** *а.* جعل *кит.* қалбакӣ, дурӯғин, сохта.

**ҶАЪЛӢ** جعلی *марбут ба* **ҷаъл**; **ёқути ҷаълӣ** ёқути қалбакӣ.

**ҶАЪФАРӢ** I *а.* جعفری *бот.* 1. номи як гиёҳи хӯрданӣ, ки ба шибит монанд аст. 2. номи гули зарди хушбӯи яксола.

**ҶАЪФАРӢ** II *а.* جعفری **:зари ҷаъфарӣ** тиллои тоза, зари холис.

**ҶЕБ** جیب *ниг.* **ҷайб**.

**ҶЕВА** I *а.* جیوه симоб.

**ҶЕВА** II جیوه *кҳн.* қаравулӣ, дидбонӣ.

**ҶЕВАДОР** جیوه‌دار симобдор, симобӣ.

**ҶЕВАХОНА** جیوه‌خانه *таър.* посбонхона, қаравулхонаи бурҷдор, ки дар арк, қалъа ва қӯрғонҳо сохта мешуд ва аз он ҷо дидбонӣ мекарданд.

**ҶЕВАЧӢ** جیوچی *таър.* номи яке аз мансабҳои поёнӣ дар аморати Бухоро; сардори қаравул ва дидбонҳо.

**ҶЕВОН** جیوان навъе аз мебел, ки дару хоначаҳо дорад ва барои нигоҳ доштани чизҳо истифода мешавад: **ҷевони китоб, ҷевони либос, ҷевони оинакорӣ**.

**ҶЕҒ** جیغ 1. фарёд, садо (барои даъват, талаб) хондани касе пеши худ; **ҷеғу дод** фарёд, садобарорӣ, овозбарорӣ; **ҷеғ задан** а) фарёд кардан, даъват кардан пеши худ, хондан; б) номбар кардан, номашро гирифта даъват кардан, муроҷиат кардан; в) даъват кардан, барпо кардан; **маҷлис ҷеғ задан; ба ёрӣ ҷеғ задан** мадад хостан аз касе; **ба меҳмонӣ ҷеғ задан** ба меҳмонӣ даъват кардан; **ба мусобиқа ҷеғ задан** ба мусобиқа даъват кардан; **гӯшҳоям ҷеғ зад** гӯшҳоям ҷарангос зад. 2. овози хурӯс; фарёди хурӯс; **ҷеғ задани**

**хурӯс**; **хурӯс дар ҳама ҷо баробар ҷеғ мезанад** (*мақ.*); шароити ҳама ҷо як хел аст.

**ҶЕҒА** جیغه *кҳн.* зинати аз пари парандаҳо ё пӯпак сохташуда, ки дар баъзе сарпӯш ё кулоҳҳо дӯхта мешавад, ҳар чизи тоҷмонанд, ки ба кулоҳ насб карда мешавад, тоҷ.

**ҶЕҒЗАДА** جیغزده даъватшуда, талабида.

**ҶЕҒЗАНАНДА** جیغزننده 1. фарёдкунанда, даъваткунанда. 2. овоздиҳанда (*нисбат ба хурӯс*).

**ҶЕҒЗАНӢ** جیغزنی ҷеғ задан, даъват кардан.

**ҶЕҒӢ** جیغی ҷеғзананда, ку-ку карда фарёдкашанда (*дар бораи мурғҳои дастпарвар*): **бедонаи ҷеғӣ**.

**ҶЕЛ** جیل *кҳн.* занҷире, ки (дар аморати Бухоро) ба гардани бандиён мебастанд: **ҷел андохтан, ҷел задан**.

**ҶЕЛАК** جیلک либоси сабуки бе остари болопӯш.

**ҶЕМПЕР** *англ.* جیمپیر куртаи болопӯши бофтаи фабрика ё дастӣ: **ҷемпери занона**.

**ҶЕРАН(Д)** جیرن//جیرند *ниг.* **ҷиран**.

**ҶИБИЛЛАТ** *а.* جبلّت фитрат, табиат, сиришт, асл.

**ҶИБИЛЛӢ** *а.* جبلّی *т.* фитрӣ, табиӣ, зотӣ.

**ҶИБОЛ** *а.* جبال *кит. ҷ.* **ҷабал**.

**ҶИГАР** جگر 1. яке аз узвҳои дарунии бадани инсон ва баъзе ҳайвонҳо, ки ҳосилкунандаи заҳра мебошад ва барои таъмини мубодилаи моддаҳо дар бадан хизмат мекунад. 2. *маҷ.* фарзанд, фарзанди азиз ва дилбанд; **ҷону ҷигар** *маҷ.* хешу ақрабои хеле наздик. 3. *маҷ.* шуҷоат, далерӣ, ҷуръат; **аз ҷигар // аз банди ҷигар** аз дил, аз таҳти дил, бо самимият; **ҷигар сӯрох-сӯрох будан** *киноя аз* дарду алами сахт доштан; **ҷигар хун кардан** *киноя аз* азобу уқубати сахт кашидан; **аз ҷигарат занад!** некии касеро, ки надонистӣ, осеби азиме ба ту расад; **аз ҷигар оҳ кашидан** оҳи чуқур кашидан аз шиддати дарду ғам; **хуни ҷигар хӯрда...** хеле азоб кашида..., хеле ранҷ бурда...; **хуни ҷигар шудан** хеле азоб кашидан, хеле машаққат дидан.

**ҶИГАРБАНД** جگربند 1. маҷмӯи ҷигар, дил, шуш *ва г.* 2. фарзанд, хеши наздик. 3. ҳар чизи наздик.

**ҶИГАРБИРЁН** جگربریان 1. ҷигари бирён карда. 2. *маҷ.* ҷигарсӯхта, азобкашида, ранҷдида.

**ҶИГАРГОҲ** جگرگاه даруни сина, ки ҷои қарор доштани ҷигар, дил, шуш *ва г.* мебошад.

**ҶИГАРГӮША** جگرگوشه 1. *маҷ.* фарзанд, фарзанди азиз. 2. *маҷ.* бародар, бародарзода, хеши наздик.

**ҶИГАРДОР** جگردار далер, ҷуръатдор, нотарс.

**ҶИГАРДОРӢ** جگرداری нотарсӣ, далерӣ.

**ҶИГАРДӮЗ** جگردوز 1. рост ба ҷигар халанда. 2. *маҷ.* мафтункунанда, шайдокунанда.

**ҶИГАРИРАНГ** جگری‌رنگ ба ранги ҷигар, олуболуранг.

**ҶИГАРИТОБ** جگری‌تاب ба ранги ҷигарӣ, ҷигаримонанд: **ранги ҷигаритоб**.

**ҶИГАРӢ** جگری 1. *мансуб ба* **ҷигар**; аз ҷигар тайёршуда: **кабоби ҷигарӣ**. 2. ҷигариранг, рангаш ба ранги ҷигар. 3. бо тамоми қувва, аз таҳти дил; **ҷигарӣ зӯр задан** бо тамоми қувва зӯр задан; **оҳи ҷигарӣ кашидан** оҳи чуқур кашидан.

**ҶИГАРКАБОБ** جگرکباب 1. ҷигарбирён, кабобе, ки аз ҷигар пухта шудааст. 2. *маҷ.* ғамзада, мусибатзада, аламдида.

**ҶИГАРОВАР** جگرآور *кит.* пурдил, диловар, нотарс.

**ҶИГАРПОЛУДА** جگرپالوده ҷигархун, ҷигаробшуда, пурдарду алам.

**ҶИГАРПОРА** جگرپاره 1. як пораи ҷигар, лахти ҷигар. 2. фарзанди азиз; хеши наздик.

**ҶИГАРРАНГ** جگررنگ *ниг.* **ҷигариранг**.

**ҶИГАРРЕШ** جگرریش *маҷ.* бисёр аламдида, мусибатзада, ғамзада.

**ҶИГАРСӮЗ** جگرسوز сахт азобдиҳанда, сахт ранҷрасон, аламангез; **оҳи ҷигарсӯз** оҳи пурдарду алам.

**ҶИГАРСӮЗАНДА** جگر سوزنده *ниг.* **ҷигарсӯз**.

**ҶИГАРСӮХТА** جگرسوخته аламдида, ҷигарреш, ғамзада, мусибатзада.

**ҶИГАРТОБ** جگرتاب ҷигарсӯз, дарду ғамдиҳанда.

**ҶИГАРХАСТА** جگرخسته ҷигарреш, ғамзада, андӯҳгин.

**ҶИГАРХАРОШ** جگرخراش ҷигарсӯз, аламовар, хеле пуртаъсир.

**ҶИГАРХОР** جگرخوار бераҳм, дурушт, зишткор, золими хунхор.

**ҶИГАРХОРА** جگرخواره *ниг.* **ҷигархор**.

**ҶИГАРХУН** جگرخون ҷигарреш, ғамзада; **ҷигархун кардан** ҷигарреш кардан, сахт аламзада кардан.

**ҶИГДА** جگده *ниг.* **санҷид**.

**ҶИГДАГУЛ** جگده‌گل гулаш ба ранги гули ҷигда, гули монанди гули санҷид.

**ҶИГДАГУЛӢ** جگده‌گلی **:пиёлаи ҷигдагулӣ** пиёлаи гулаш ба ранги гули ҷигда.

**ҶИГӢ–ҶИГӢ** I جگی‌جگی лафзест, ки дар вақти зорӣ ва тавба кардан аз коре, инчунин, ба тарзи шӯхӣ гуфта мешавад; **ҷигӣ-ҷигӣ тавба кардам** дигар намегӯям, дигар намекунам.

**ҶИГӢ–ҶИГӢ** II جگی‌جگی буз ё бузғоларо садо кардан, ҷеғ задан.

**ҶИҒДА–ҶИҒДА** جغده‌جغده пора-пора, тамоман дарида, тика-тика.

**ҶИҒИЛДОН** جغلدان 1. донадони парандагон, ки аз ҳалқум поёнтар ҷой гирифтааст, сангдон, чинадон. 2. *маҷ.* гулӯ, ҳалқ, шикам ва нафси одам; **ба ҷиғилдон задан**, **ба ҷиғилдони** *касе* **рафтан** аз тарафи ҳамон одам азони худ карда шудан (-и чизе).

**ҶИҒ-ҶИҒ** جغجغ *тақлиди овоз*, *ки* садои парандаҳо, даридани матоъ, кушодаву пӯшида шудани дарро ифода мекунад.

**ҶИД(Д)** *а.* جد 1. кӯшиш, саъй; **ҷидду ҷаҳд** ғайрату кӯшиши зиёд, зӯрзанӣ. 2. аз таҳти дил; *муқоб.* **ҳазл**, **шӯхӣ**.

**ҶИДДАН** *а.* جدًا 1. ба таври ростию дурустӣ. 2. бе ҳазлу шӯхӣ. 3. ба саъйу кӯшиш, бо қатъият.

**ҶИДДИЁНА** جدّیانه ба таври ҷиддӣ, ба таври қатъӣ, бешӯхӣ.

**ҶИДДИНАМО** جدّی نما зоҳиран ҷиддӣ, ҷидди нишон додани худ.

**ҶИДДИСИМО** جدّی‌سیما дорои симои ҷиддӣ.

**ҶИДДИЯТ** *а.* جدّیت ҷиддӣ будан; ҷиддигӣ, қатъият, сахт ва устувор будан дар иҷрои коре, тамкин дар гап ва кор; **бо ҷиддият** аз таҳти дил, бо қатъият.

**ҶИДДӢ** جدّی 1. ҳар чизе ки аз таҳти дил буда, ба тариқи ҳазлу шӯхӣ набошад; *муқоб.* **шӯхӣ**, **ҳазл**. 2. қатъӣ, бо қатъият. 3. диққатталаб. 4. муҳим, зиёд, куллӣ; **тағйироти ҷиддӣ** тағйироти ба назар намоён, тағйироти муҳим, куллӣ. 5. пуртамкин, бовиқор, ба қадру эътибори худ расанда, вазнин. 6. бодиққат. 7. ҳақиқӣ, аслӣ, чунонки бояду шояд; **зиндагии ҷиддӣ**. 8. он чи барои пешгирӣ аз оқибати бад, диққат ва аҳамияти калон талаб мекунад: **бемории ҷиддӣ, бӯҳрони ҷиддӣ; гапи ҷиддӣ** гапи муҳим, гапи аҳамиятнок; **ҷиддӣ гап задан** ба таври бояду шояд дар бораи чизе сухан кардан, бо қатъият, бидуни шӯхӣ чизеро гуфтан; **ранги ҷиддӣ гирифтан** аҳамият пайдо кардан, қатъият пайдо кардани коре; **эътибори ҷиддӣ додан** ба таври бояду шояд аҳамият додан ба чизе; **вазъияти ҷиддӣ гирифтан** ҳолати устувор ва қатъӣ гирифтан.

**ҶИДОЛ** *а.* جدال 1. ҷанг, ҳарб, задухӯрд: **ҷангу ҷидол**. 2. хусумат, низоъ, кашмакаш.

**ҶИДОР** *а.* جدار *кит.* девор.

**ҶИДОРӢ** جداری ҳар чизи мансуб ба девор.

**ҶИЗ-БИЗ** جزبز садои бирён шудани гӯшт дар дег.

**ҶИЗЯ** *а.* جزیه *таър.* як навъ андоз, ки дар мамлакатҳои мусулмонӣ аз ғайри мусулмонон ба тарзи саршуморӣ гирифта мешуд.

**ҶИЗЯГИРӢ** جزیه‌گیری *таър.* ҷизя гирифтан.

**ҶИЛАВ** جلو 1. афзори чармини сари асп, ки барои ба даҳони асп андохтан ду оҳанчаи пайваст дорад ва ба он асп идора карда мешавад, лаҷоми асп; **ҷилави** *касе* **ба дасти** *касе* **будан** *маҷ.* ихтиёри касе ба дасти касе будан; **ҷилави** *касеро* **кашидан** касеро танбеҳ додан, касеро ба итоат (тартиб) даъват кардан; **ҷилави** *чизеро* **ба даст гирифтан** ихтиёри чизеро ба даст гирифтан; **ҷилави** *чизеро* **сар додан** чизеро ба ихтиёри худ мондан, кордор

нашудан (бо касе, чизе). 2. пеш, пеши ҳар чиз; **дар ҷилави** *касе* **рафтан** пеш-пеши касе рафтан; **ба (дар) ҷилави асп рондан** пеш-пеши асп пиёда рондан касеро; **ба ҷилави** *касе* **афтодан** пеш-пеши касе рафтан.

**ҶИЛАВБАНД** جلو بند банди ҷилав, лаҷомбанд.

**ҶИЛАВГИРӢ** جلوگیری пешгирӣ, манъ кардан, боздоштан; **ҷилавгирӣ кардан** пешгирӣ кардан, боздоштан (*аз амале*).

**ҶИЛАВДОР** جلودار *кҳн.* 1. хизматгоре, ки аспи хоҷаашро дошта меистад, пешхизмати мутасаддии асп, хизматгоре, ки пеш-пеши одами мансабдор меравад. 2. аскари хизматгори афсари қисми савора.

**ҶИЛАВКАШ** جلوکش касе, ки ҷилави чизеро (*аспро*, *харро*) мекашад.

**ҶИЛАВХОНА** جلوخانه *таър.* 1. айвони ду тарафи дарвозахонаи ҳавлии мансабдорон ё ҳокимон; майдони ҳавлии подшоҳ ё ҳоким. 2. як қисми болопӯши ҳавлии масҷид, ки ба иморати масҷид пайванд аст.

**ҶИЛАВШАХ** جلوشخ *ниг.* **шахҷилав**; гарданшах (*мас.*, *асп*).

**ҶИЛБОБ** *а.* جلباب чодир.

**ҶИЛБУР** جلبر коғази ба рӯяш як навъ рег часпондашуда, ки онро барои судан ва ҷилодор кардани чӯб ва филизот ба кор мебаранд, коғази соё.

**ҶИЛВА** *а.* جلوه 1. ба тарзи дилрабо ва бо ҳаракатҳои дилкаш намудор шудан, худро нишон додан. 2. намуди чизҳои дилрабо; **ҷилва кардан** а) тофтан, хуш ва дилкаш намудан; б) дилрабоӣ кардан, карашма намудан, бо нозу карашма роҳ гаштан; **ҷилва додан** намоён кардан, зоҳир сохтан.

**ҶИЛВАГАР** جلوه‌گر 1. намоён, намудор, тобон, дурахшон. 2. ҷилобахш, дурахшон; **ҷилвагар шудан** намудор гаштан, тофтан, тобидан, дурахшидан.

**ҶИЛВАГАРӢ** جلوه‌گری 1. тобиш, тобидан, дурахшидан, намоён шудан, намудор гаштан. 2. нозу карашма.

**ҶИЛВАГОҲ** جلوه‌گاه майдони намоиши ҳунар, саҳна.

**ҶИЛВАДОР** جلوه‌دار *ниг.* **ҷилодор**.

**ҶИЛВАФУРӮШ** جلوه‌فروش ишвагар, ноздор, танноз.

**ҶИЛВАФУРӮШӢ** جلوه‌فروشی ишвагарӣ, ноз, таннозӣ: **ҷилвафурӯшӣ кардан**.

**ҶИЛД** *а.* جلد 1. пӯст. 2. парда, рӯйпӯш. 3. рӯйпӯш, болопӯш, *мас.*, **ҷилди болишт, лӯла** *ва г.* 4. китобандоз, ғилоф. 5. муқова ва рӯи муқоваи китоб. 6. қисм, як китоби алоҳидаи муқовадор.

**ҶИЛДБАНД** جلدبند муқовабанд; он ки китобро муқова мебандад.

**ҶИЛДБАНДӢ** جلدبندی амал ва шуғли ҷилдбанд; муқовабандии китоб.

**ҶИЛДДОР** جلددار он чи ҷилд дорад: **дутори ҷилддор, ҷомадони ҷилддор.**

**ҶИЛДИРОБА** جلدرابه оби ҷории миқдораш хеле кам, оби ҷӯйчаи хӯрдакак.

**ҶИЛДИРОС** جلدراس *калимаи тақлиди овоз, ки* садои оби ҷории миқдоран камро ифода мекунад.

**ҶИЛДНОК** جلدناک ҷилддор, ҷилдпӯш: **курсии ҷилднок**.

**ҶИЛО** I *а.* جلا 1. сайқал, равшанӣ; дурахш, тобиши дурахши чизе, хусусан баъди пардоз ва сайқал додан; **ҷило додан** сайқал додан, дурахшон кардан, аз чангу ғубор пок карда пардоз додан.

**ҶИЛО** II جلا *ниг.* **ҷало; ҷилои ватан (кардан)** тарки ватан (кардан), маҷбуран ба кишвари дигар барои иқомат рафтан.

**ҶИЛОДЕҲ** جلاده он ки ва он чи ҷило медиҳад, ҷилобахш, дурахшон, тобон.

**ҶИЛОДИҲАНДА** جلادهنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **ҷило додан**. 2. ҷилодор, тобишдор, дурахшанда: **оби ҷилодиҳанда, барфи ҷилодиҳанда**. 3. сайқалдиҳанда.

**ҶИЛОДИҲӢ** جلادهی 1. дурахш, тобиш, дурахшонӣ, тобишнокӣ. 2. сайқал додан, сайқалдиҳӣ: **дастгоҳи ҷилодиҳӣ.**

**ҶИЛОДОР** جلادار ҷилодиҳанда, дурахшнок, дурахшон, тобишдор, сайқалнок: **санги ҷилодор**, **шамшери ҷилодор**.

**ҶИЛОКОР** جلاکار он ки фарши тахтагӣ ё мармарро бо мошини махсус суфта карда, ба онҳо ҷило мебахшад.

**ҶИЛОНОК** جلاناک *ниг.* **ҷилодор**.

**ҶИЛФ** *а.* جلف *кит.* одами дурушт, беадаб, нодон; сафеҳ.

**ҶИМ I** جم *гуфт.* дам, ором, хомӯш; **ҷим истодан** хомӯш истодан, ором нишастан; **ҷим нишастан** ором нишастан, хомӯш истодан, гап назада, ҷавоб нагуфта нишастан; **ҷим шудан** хомӯш гаштан.

**ҶИМ II** جیم *номи ҳарфи шашуми алифбои арабиасоси тоҷикӣ, ки дар ҳисоби абҷад ба адади 3 баробар аст.*

**ҶИМОД** *а.* جماد *ниг.* **ҷамод**.

**ҶИМОЛ** *а.* جمال *ҷ.* **ҷамал**.

**ҶИМОЪ** *а.* جماع мубоширати марду зан, алоқаи ҷинсӣ.

**ҶИМҶИМА** جمجمه лойдони зоҳиран хушк, ки баъд аз по мондан бар болои он одам ва ҳайвонро оҳиста-оҳиста фурӯ мекашад.

**ҶИМ-ҶИТ** جم‌جت *гуфт.* тамоман ором, тамоман хомӯш, осуда; **ҷим-ҷит нишастан** хомӯш нишастан, гап назадан ва овоз набаровардан.

**ҶИН** *англ.* جن *тех.* мошини пахтатозакунӣ, мошинае, ки пахтаро аз чигит ҷудо мекунад.

**ҶИН(Н)** *а.* جن махлуқи мавҳуми афсонавӣ аз қабили деву парӣ; **ҷин задан** осеб расонидани ҷин, девона шудан; **ҷин занад!** ибораест, ки ҳамчун дашноми сабук вақти норизо будан аз касе ё чизе гуфта мешавад; **ҷӣ ҷин задааст**! ҷӣ рӯй додааст, ҷӣ таъсир кардааст, ҷӣ бало задааст (*дар мавриди ҳайронӣ ва тааҷҷуб аз кирдори касе гуфта мешавад*).

**ҶИНГИЛА** جنگله марғула, печутобхӯрда, фатила; **мӯй ҷингила**; ◊ **гилаву ҷингила кардан** шикояти бисёр кардан, бисёр гила кардан, изҳори норизогӣ кардан.

**ҶИНГИЛАКОКУЛ** جنگله‌کاکل ҷингиламӯй.

**ҶИНГИЛАМӮЙ** جنگله‌موی дорои мӯйи ҷингила, марғуламӯй, фатиламӯй.

**ҶИНГИЛАПО** جنگله‌پا мӯи пояш ҷингила: **бузаки ҷингилапо**.

**ҶИНГИЛАРИШ** جنگله‌ریش риши марғула.

**ҶИНГИРОС** جنگراس *калимаи тақлиди овоз, ки* садои занг ва чизҳои бо он монандро ифода мекунад: **ҷингироси телефон, ҷингирос задан**.

**ҶИНДОР** جن دار *ниг.* **ҷиннинамо**.

**ҶИНЗАДА** جن‌زده он ки дар асари ҳодисае ба бемории руҳӣ гирифтор шудааст, девонаавзоъ.

**ҶИН(Н)ИБАШАРА** جنی بشره *ниг.* **ҷиннинамо**.

**ҶИНКӮЧА** جن‌کوچه *гуфт.* тангкӯчаи печ дар печ ва хаму рост.

**ҶИННИАВЗОЪ** جنّی‌اوضاع ҷиннинамо, ҷиннибашара, атвор ва гуфтораш ғайритабиӣ.

**ҶИННИГӢ** جنّیگی 1. девонагӣ. 2. бадрафторӣ, беақлӣ, бемулоҳизагӣ; **ҷиннигӣ кардан** бемулоҳиза ва беақлона рафтор кардан.

**ҶИННИНАМО** جنّینما девонанамо, девонамизоҷ, девонавазъ.

**ҶИННИТАБИАТ** جنّی‌طبیعت девонатабъ, ҷинниавзоъ.

**ҶИННИХОНА** جنّی‌خانه *гуфт.* девонахона, беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ.

**ҶИННӢ** جنّی девона, аз ақл бегона.

**ҶИНОӢ** جنائی *мансуб ба* **ҷиноят**; ҷиноятӣ: **кори ҷиноӣ, парвандаи ҷиноӣ, ҷустуҷӯи ҷиноӣ**.

**ҶИНОН** *а.* جنان *ҷ.* **ҷаннат**.

**ҶИНОС** *а.* جناس *адш.* ду ё чанд калимаи лафзан ва шаклан як, ки ҳар кадом маънои дигар доранд.

**ҶИНОҲ** *а.* جناه *дурусташ* **ҷаноҳ**; бол, қанот.

**ҶИНОЯТ** *а.* جنایت гуноҳи ҷиддӣ, ҷурм ва хатои зараровар, ки сазовори ҷазои сахт бошад: **ҷиноят кардан**.

**ҶИНОЯТӢ** جنایتی *мансуб ва оид ба* **ҷиноят: кодекси ҷиноятӣ, парвандаи ҷиноятӣ**.

**ҶИНОЯТКОР** جنایت‌کار он ки ҷиноят кардааст, он ки аз ӯ гуноҳи сахт содир шудааст, айбдор, гунаҳгор.

**ҶИНОЯТКОРӢ** جنایت‌کاری ҷиноят кардан, амали ҷинояткор, ҷинояткор будан.

**ҶИНОЯТКОРОНА** جنایتکارانه ба таври ҷиноятӣ, душманона.

**ҶИНОЯТПЕША** جنایتپیشه он ки шуғлаш ҷинояткорист, ҷинояткори ашаддӣ, ҷинояткори хавфнок.

**ҶИНОЯТШАРИК** جنایتشریک шарики ҷинояткор, касе ки дар ҷиноята иштирок доштааст.

**ҶИНС** I *а.* جنس 1. навъ, хел, гунаи чизҳо, ки боз хелҳои дигар дошта бошад: **ҷинси нави пахта, ҷинси ҳайвонот, ҷинси растанӣ**. 2. зот, насл. 3. мол, матоъ, чизи фурӯхтанӣ. 4. ҷинсият, тааллуқ доштан ба навъи мардона ё занона: **ҷинси занона, ҷинси мардона**. 5. *грам.* ҷинсияти грамматикӣ дар баъзе забонҳо, масалан, дар забони русӣ ва арабӣ, ки аломати хоси фарққунанда дорад.

**ҶИНС** II *лот.* جنس як навъ матои ғафси пахтагӣ; шим ё либоси аз матои ҷинс тайёршуда.

**ҶИНСАН** *а.* جنساً 1. вобаста ба ҷинс, аз рӯи ҷинс, вобаста ба хел ва навъ. 2. вобаста ба зот ва насл.

**ҶИНСИЯТ** جنسیت мансуб будан ба ин ё он ҷинс, навъ, хел, тааллуқ доштан ба ин ё он ҷинс.

**ҶИНСӢ** جنسی 1. *мансуб ба* **ҷинс**; **тафриқаҳои ҷинсӣ** фарқ кардани ҷинси чизе. 2. зотӣ, наслӣ, нажодӣ. 3. марбут ба амали шаҳвонӣ: **алоқаи ҷинсӣ**.

**ҶИНСШИНОС** جنسشناس молшинос, мутахассиси навъ ва моҳияти матоъ.

**ҶИНЧАРОҒ** جنچراغ чароғи хурди бе шишаи лампа, ки пилта дар равған месӯзад.

**ҶИНҶАК** جنجک *гуфт.* 1. чизи сахт бирён ва қоқу сурхшуда. 2. сӯхта, сӯхта сиёҳшуда.

**ҶИНҶАККАБОБ** جنجککباب кабоби гӯшташ резаи то ба сурхӣ бирёншуда.

**ҶИР** جیر чарми мулоими бахмалмонанд аз пӯсти оҳу, буз *ва ғ.*, замша.

**ҶИРА** *а.* جیره 1. *кҳн.* хӯроки ройгон, тақсими ройгони хӯрокӣ ё хӯроквории ҳаррӯза. 2. музди рӯзбайъ.

**ҶИРАН//ҶИРАНД** جیرن//جیرند аспи рангаш зарди ба сурхӣ моили думу ёлаш сиёҳ.

**ҶИРАНАЛО** جیرن الا аспи ҷирани холдор.

**ҶИРГА** *т.* جرگه 1. *ниг.* **ҷурга**. 2. маҷлиси олӣ (дар Афғонистон).

**ҶИРЕШ** جریش *ниг.* **ҷириш** I.

**ҶИРИНГАС//ҶИРИНГОС** جرنگس//جرنگاس *калимаи тақлиди овоз, ки* садои телефон ва садои ба замин задани ягон чизи филизиро ифода мекунад: **телефон ҷирингас зад**.

**ҶИРИНГ-ҶИРИНГ** جرنگجرنگ *калимаи тақлиди овоз, ки* садои ба ҳам бархӯрдани чизҳои филизӣ ё садои занги телефонро ифода мекунад.

**ҶИРИНДӢ** جرندی *гуфт.* ҷойҳои чиркину ифлос.

**ҶИРИШ** I جریش 1. орди дурушт, орди сабӯсдор. 2. сабӯс, орди нимбехта.

**ҶИРИШ** II جرش як навъ пойгаи асп, ки саворон ҳамдигарро кӯшиши аз асп партофтан мекунанд.

**ҶИРМ** I *а.* جرم *кит.* ҷисми шаффоф; ҷирмҳои осмонӣ ҷисмҳои осмонӣ (моҳ, ситораҳо).

**ҶИРМ** II جرم *гуфт.* айб, камбудӣ, нуқсон, дард; *муқ.* ҷурм.

**ҶИСМ** *а.* جسم 1. ҳар чизе, ки аз фазо ҷой ишғол мекунад; ҳар чизе, ки дарозо, паҳно ва жарфо дошта бо ҳавоси панҷгона дарк мешавад: **ҷисми газмонанд, ҷисми моеъ, ҷисми осмонӣ, ҷисми сахт**. 2. бадан, ҷасад, пайкар, тан.

**ҶИСМАН** *а.* جسماً аз ҷиҳати ҷисм, ба эътибори ҷисм: **ҷисман солиму боқувват**.

**ҶИСМИЯТ** *а.* جسمیت ҷисм будан, ҷисмӣ будан.

**ҶИСМӢ** جسمی 1. *мансуб ба* **ҷисм**. 2. ҷисмият, ҷисмдор.

**ҶИСМОНИЯТ** *а.* جسمانیت *ниг.* **ҷисмият**.

**ҶИСМОНӢ** جسمانی 1. ҷисмӣ, вобаста ба ҷисм; *муқоб.* **рӯҳонӣ**. 2. бо ҷисм, бо бадан, бо тан, ба воситаи ҷисм; *муқоб.* **рӯҳӣ, фикрӣ**: **кори ҷисмонӣ, меҳнати ҷисмонӣ, қувваи ҷисмонӣ**.

**ҶИСР** *а.* جسر пул, кӯпрук; пули муваққат ба рӯи об ба воситаи киштӣ *ва ғ.*, понтон.

**ҶИФА** *а.* جیفه *(ҳайвони)* мурдори гандида, табоҳшуда.

**ҶИҲАК** جهک *ниг.* **ҷияк**.

**ҶИҲАКДОР** جهکدار *ниг.* **ҷиякдор**.

**ҶИҲАТ** *а.* جهت 1. ҷониб, сӯй, тараф; **ҷиҳатҳои аслӣ** чор тарафи аслӣ: шимол, ҷануб, шарқ, ғарб. 2. ҷанба, тараф: **ҷиҳати мусбат, ҷиҳати манфӣ**. 3. сабаб, ваҷҳ, тарафи коре, масъалае; **ба ҷиҳати** ба сабаби, ба иллати. 4. хислат, хусусият: **ҷиҳати нек.** 5. нисбат, муносибат; **ҷиҳати хешӣ доштан**; **аз ин ҷиҳат** а) аз ин сабаб, бинобар ин, ба ин ваҷҳ; б) аз ин хусус, дар ин бора; **аз ҳамин ҷиҳат** аз ҳамин сабаб, бинобар ин; **аз ҳар ҷиҳат** аз ҳар тараф, ҳаматарафа, комилан; **аз ҷиҳати**... а) аз хусуси..., аз бобати...; б) ба сабаби..., барои….

**ҶИҲОД** *а.* جهاد 1. *д.* ҷанг дар роҳи дин. 2. ҷанг; **ҷиҳод кардан** ҷангу мубориза бурдан.

**ҶИҲОЗ** *а.* جهاز 1. асбоб ва чизҳое, ки арӯс бо худ ба хонаи шавҳар меорад. 2. ҳар гуна асбобу анҷоме, ки барои иҷрои коре лозим аст, таҷҳизот.

**ҶИҲОЗОНИДАН** جهازانیدن бо чизҳои даркорӣ таъмин кардан, муҷаҳҳаз кардан (*мас.*, *корхонаеро*).

**ҶИҲОЗОНИДА** جهازانیده ба ҳар чизи даркорӣ таъминшуда, муҷаҳҳаз.

**ҶИҲОН** جهان *ниг.* **ҷаҳон**.

**ҶИЯК** جیک тасмаи борики бофта ё дӯхта, ки ба гирди каллапӯш, ҷома *ва г.* дӯхта мешавад, фаровез, шероза, зеҳ: **ҷияки ҷома.**

**ҶИЯКБОФ** جیک باف он ки ҷияк мебофад.

**ҶИЯКБОФӢ** جیکبافی амалу шуғли ҷиякбоф.

**ҶИЯКДОР** جیکدار дорои ҷияк, ҷиякдӯзӣ шуда.

**ҶИЯН** جیین фарзанди бародар ё хоҳар, додарзода, хоҳарзода, ки аз худи шахс хурд бошад.

**ҶО//ҶОЙ** جا//جای 1. фазо ё масоҳате, ки аз тарафи касе ё чизе ишғол шуда бошад ё ишғол шавад ё мавқеи ягон ҳаракат, амал ва ҳодиса бошад, макон, мавзеъ, маҳал. 2. манзили истиқомат, оилаву рӯзгор, бошишгоҳ, манзил. 3. мавқеъ, маврид, вақт. 4. дам, вақт. 5. *маҷ.* мансаб, вазифа, кор, мартаба. 6. қисм, пора, ҳисса. 7. ҷойгоҳ, ҷогаҳ, рахти хоб. 8. кучо; **аз ҷое** аз ҳеҷ куҷо. 9. сабаб, асос. 10. тараф. ҷиҳат; **ин ҷои кор муҳим аст**. 11. *маҷ.* идора, ташкилот дахлдор; **ба ҷо** ба мавқеъ, муносиб; **ҷо ба ҷо** аз рӯи тартиб, ба тартиб, ба низом, нуқта ба нуқта, ҳар қадом ба ҷои худ; **ҷои**... ба ҷои..., ба сифати..., ба ивази..., ҳамчун; **ҷои андеша** маҳалли андеша; **ҷои даркорӣ** мавриди истифода, маҳалли истифода; **ҷои истиқомат** истиқоматгоҳ, бошишгоҳ, манзили истиқомат; **ҷояш холӣ** дар мавриди дар ягон маҷлис ҳозир набудани касе ва ё фавтидани касе ба тариқи таассуф гуфта мешавад; **ҷо-ҷо** ҳар ҷо ҳар ҷо; **аз он ҷо ки**... аз он сабаб ки..., азбаски; дар ҷояш устувор пойдор, мавҷуд, воқеъ; **ба ҷои** ба ивази, дар бадали…; **чӣ ҷои ин(он) ки**... чӣ ҳоҷат бар он ки...; чӣ ҷои ин сухан? **чӣ ҷои фикр** чӣ ҳоҷат ба фикр, чӣ эҳтиёҷ ба фикр карда нишастан; **ҷо ба ҷо афтодан** дар ҷои худ наҷунбида ғалтидан, якбора афтидан; **ҷо ба ҷо гузоштан** аниқ ба ҷои худ гузоштан, айнан дар ҷояшон ба тартиб мондан; **ҷо ба ҷо истодан** дар ҷои худ якбора, наҷунбида истодан; **ҷо ба ҷо кардан** ба ҷои худ гузоштан, ба тартиб ҷой додан, ҷойгир кардан; **ҷо ба ҷо мурдан** якбора мурдан, дарҳол мурдан; **ҷо ба ҷо нишастан** ба тартиб ба ҷои худ нишастан; **ҷо ба ҷо шудан** ба ҷои худ қарор гирифтан, ҷойгир шудан; **ҷои гарми худро хунук кардан** манзили хуб ё кори мувофиқи худро монда ба дигар ҷо ё кор рафтан; **ҷо гарм кардан** дуруст ҷойгир шудан, дар ҷое мустаҳкам барқарор шудан; **ҷо гирифтан** а) ҷойгир шудан, маскан кардан дар ҷое; б) воқеъ будан; **ҷо додан** а) ҷойгир кардан; б) шинондан; **ҷо доштан** а) ҷойгир будан, муқим будан; б) мавҷуд будан, дида шудан; в) асос доштан; **ҷои гап нест** ҳоҷати гап нест; **ҷои гурез набудан** илоҷ надоштан, илоҷи халосӣ набудан; **ҷой намеёфт(анд), ки** ... сахт саросема ва безобита будан, чи кор кардани худро надониста мондан; **ҷои нишастан наёфтан** безобита будан, бисёр беқарор будан; **ҷои сӯзан задан набудан** ниҳоят пур будан, ҳеҷ ҷои холӣ набудан; **ҷои** *чизеро* **гирифтан** чизеро иваз кардан; **ҷои шубҳа намондан** барои шубҳа кардан асос ва сабабе набудан; **ҷо кардан** ҷойгир кардан, ҷо додан, андохтан, ғунҷондан; **ҷо шудан** а) ҷойгир гаштан, маскан гирифтан; б) пинҳон шудан; **ҷояш ояд** мавридаш бошад, мавқеяш муносиб бошад, маҳалли мувофиқаш бошад; **аз ҷо бархестан** хестан, баланд шудан, омодаи коре шудан, қиём кардан; **ақл ба ҷояш омадан**

ҳушёр шудан; **ба як ҷо расидани синну сол** пир шудан, солхӯрда шуда мондан; **ба ҷое расондан** *чизеро, кореро* ба дараҷае расондан, ба ҳадде расондан; **ба ҷои** *касе* **нишастан** ҷои касеро гирифтан, касеро дар коре, шуғле иваз кардан; **ба ҷо овардан** а) иҷро кардан, анҷом додан (коре, супоришеро); б) риоя кардан; ҳурматашро ба ҷо овардан; **гап дар ин ҷо будан** сабаб ва манбааш ин ҷо будан; **дил ба ҷояш омадан** дил осуда гаштан, дил ором ёфтан; **хонаю ҷо кардан** истиқомат кардан, оиладорӣ кардан; **ҷо–ҷо** дар баъзе ҷойҳо, на дар ҳама ҷо: **гандум ҳама ҷо, пазанда ҷо-ҷо** (*зарб.*).

**ҶОБАҶО** جابجا касе ё чизеро бо тартиб ва дар ҷояш гузоштан.

**ҶОБАҶОГУЗОРӢ** جابجاگذاری чизҳоро бо тартиби муайян дар ҷояшон мондан.

**ҶОБАҶОКУНАНДА** جابجاکننده он ки ҷобаҷо мекунад.

**ҶОБАҶОМОНӢ** جابجاکنی *ниг.* **ҷобаҷогузорӣ**.

**ҶОБИР** *а.* جابر *кит.* ҷабркунанда, ситамгар.

**ҶОБИРӢ** جابری амал ва сифати ҷобир.

**ҶОБИРОНА** جابرانه золимона, бераҳмона.

**ҶОВИД** جاوید 1. абадӣ, ҳамешагӣ, доимӣ; **ҷовид мондан** абадӣ боқӣ мондан, ҳамеша будан. 2. ҳамеша, доим, мудом, доимо.

**ҶОВИДНОМ** جاویدنام он ки номаш доим зинда мондааст, некном.

**ҶОВИДОН** جاویدان 1. ҳамешагӣ, абадӣ, доимӣ. 2. ҳамеша, доим, доимо; **ҷовидон гаштан (шудан)** абадӣ боқӣ мондан; **ҷовидон мондан** абадӣ мондан.

**ҶОВИДОНА** جاویدانه абадӣ, доимӣ, ҳамешагӣ.

**ҶОВИДОНӢ** جاویدانی 1. абадӣ, доимӣ, ҳамешагӣ: **асари ҷовидонӣ, бахти ҷовидонӣ**. 2. ҷовид, ҷовидон, ҳамеша, доим.

**ҶОГА(Ҳ)** I جاگه 1. бисоти хоб, бистар рахти хоб: **ҷогаҳ андохтан, ҷогаҳ партофтан: ҷогаҳи** *касеро* **хушк кардан** ҳаёти касеро барбод додан, зиндагии касеро barҳам задан; **ҷо ҳасту ҷогаҳ нест** тамоман нопадид шудани чизе аз ҷое. 2. ҷойгир, руст, пинҳон, *ниг.* **ҷого**.

**ҶОГА(Ҳ)** II جاگه зарфу асбоби рӯзгор.

**ҶОГА(Ҳ)** III جاگه *гуфт.* пинҳон кардан, баҷо кардан.

**ҶОГАҲҒУНДОРӢ** جاگه‌غنداری рахти хобро ғундоштан, бистари хобро ҷамъ кардан.

**ҶОГА(Ҳ)МЕЗ** جاگه‌میز *гуфт.* он ки пешоби худро дошта наметавонад, он ки вақти хоб дар бистар мемезад, сиҷинг.

**ҶОГИР** جاگیر 1. *ниг.* **ҷойгир**. 2. *таър.* ҷое, ки ба подоши хизмат инъом мегардад (дар Ҳиндустон).

**ҶОГИРӢ** جاگیری 1. ҳаҷм ва андозаи ҷои гирифта. 2. ҷои муносиб ишғол кардан, ҷогир будан.

**ҶОГО//ҶОГОҲ** جاگا//جاگاه *гуфт.* пинҳон, руст, пӯшида, махфӣ; **ҷого доштан** пинҳон кардан; **ҷого кардан** пинҳон кардан.

**ҶОГОЙ//ҶОГОҲӢ** جاگائی//جاگاهی пинҳонӣ, рустӣ, махфӣ, ҷогаҳӣ.

**ҶОҒ** جاغ 1. устухони рӯй, ки дар он дандонҳо қарор гирифтааст: **ҷоғи боло, ҷоғи поён**. 2. *маҷ.* даҳон, манаҳ. 3. *маҷ.* сергапӣ, лаққигӣ; **ҷоғ задан** *гуфт.* бисёр гап задан, лаққидан; **ҷоғи** *касе* **кушода шудан; ҷоғи** *касе* **тасфидан** *маҷ.* бисёр гап задани касе, ба гап даромада рафтани касе; **ҷоғ монда кардан** бисёр гап задан.

**ҶОҒАР** جاغر 1. ғуррии гулӯи инсон, ки як навъ беморист: **бемории ҷоғар**. 2. чинадони (чиғилдони) мурғон.

**ҶОҒАРДОР** جاغردار бемории ҷоғар дошта, дорои бемории ҷоғар.

**ҶОҒВАСЕЪ** جاغ وسیع дорои ҷоғи калон.

**ҶОҒЗАНӢ** جاغزنی ҷоғ задан, манаҳзанӣ, ниҳоят сергапӣ.

**ҶОДА** *а.* جاده 1. роҳ, роҳи рост. 2. *маҷ.* мартаба, дараҷа, мақом; **ба ҷодае расидан** ба дараҷае расидан. 3. соҳа, ришта.

**ҶОДАБУРӢ** جاده‌بری *кит., маҷ.* роҳзанӣ, дуздӣ.

**ҶОДАСОЗӢ** جاده‌سازی *кит.* роҳсозӣ, бунёд ва сохтани роҳҳо.

**ҶОДУ** I جادو 1. ҷодугар, афсунгар, соҳир, сеҳркунанда. 2. сеҳр, афсун, он чи ҷозибаи пурқувват ва фиребу мафтункунанда дошта

бошад; **наргиси (чашми) ҷоду** *маҷ.* чашми ҷозибадор, нигоҳи мафтункунанда; **сеҳру ҷоду** а) соҳирӣ ва ҷодугарӣ, сеҳру афсун; б) чизи ҷозибу мафтункунанда; **ҷоду кардан** сеҳр кардан, афсун кардан, ба худ ҷазб кардан, фиреб дода моил кардан.

**ҶОДУ** II جادو *кишов.* дастгоҳи алафбурӣ.

**ҶОДУБАЁН** جادوبیان 1. сеҳрбаён. 2. *маҷ.* фасеҳзабон.

**ҶОДУБАЁНӢ** جادوبیانی 1. сеҳрбаёнӣ. 2. *маҷ.* фасеҳзабонӣ.

**ҶОДУБАНД** جادوبند он ки сеҳру ҷодуро бартараф мекунад, бартарафкунандаи сеҳру ҷоду.

**ҶОДУВАШ** جادووش дилбар, маҳваш.

**ҶОДУВОНА** جادوانه ҷодугарона, сеҳрангез.

**ҶОДУГАР** جادوگر 1. он ки ҷоду мекунад, соҳир, афсунгар. 2. дилфиреб, мафтункунанда.

**ҶОДУГАРЗАН** جادوگرزن зане, ки ҷоду мекунад.

**ҶОДУГАРӢ** جادوگری амали ҷодугар, соҳирӣ, афсунгарӣ; **ҷодугарӣ кардан** афсунгарӣ кардан.

**ҶОДУГАРОНА** جادوگرانه 1. ба тарзи ҷоду ва ҷодугарӣ; соҳирона, афсунгарона. 2. ҷодугарӣ, афсунгарӣ.

**ҶОДУЗАБОН** جادوزبان сухангӯйи моҳир, бо гап ҳамаро дар ҳайрат гузоранда.

**ҶОДУЗАБОНӢ** جادوزبانی суханони ҷаззоб ва тасхиркунанда гуфтан, бо сухан ба дил роҳ ёфтан.

**ҶОДУЗАН** جادوزن *ниг.* **ҷодугарзан**.

**ҶОДУӢ** جادوئی 1. *ниг.* **ҷодугарӣ**. 2. фиребгарӣ, сохтакорӣ, қаллобӣ.

**ҶОДУКУШО** جادوکشا *ниг.* **ҷодубанд**.

**ҶОДУМАНИШ** جادومنش дорои рафтор ва кирдори ҷодувона, ҷодуниҳод.

**ҶОДУПАРАСТ** جادوپرست парастанда ва парварандаи ҷодугарон ва ҷодугарӣ.

**ҶОДУСУХАН** جادوسخن шоире, ки суханаш дилрабо, мафтункунанда ва монанди сеҳру ҷоду таъсирбахш аст.

**ҶОДУСУХАНӢ** جادوسخنی амали ҷодусухан.

**ҶОДУХАЁЛӢ** جادوخیالی сеҳрангезии хаёл; *маҷ.* мавзунтабъӣ, хаёлпардозӣ.

**ҶОДУЧАШМ** جادوچشم соҳиби чашмони мафтункунанда ва дилрабо.

**ҶОЗИБ** *а.* جاذب 1. ҷазбкунанда, ба худ кашанда, ба худ ҷалбкунанда. 2. дилрабо, мафтункунада: **чашми ҷозиб**.

**ҶОЗИБА** *а.* جاذبه 1. *муаннаси* **ҷозиб**. 2. ба худ кашанда, ба худ ҷалбкунанда. 3. кашиш, қувваи кашанда, ҷазбкунандагӣ; **қувваи ҷозибаи Замин** қувваи кашиши Замин.

**ҶОЗИБААНГЕЗ** جاذبه‌انگیز ангезандаи ҷозиба, эҷодкунандаи ҷозиба.

**ҶОЗИБАДОР** جاذبه‌دار 1. боҷозиба, ҷозибанок, он ки ва он чи хосияти ба худ кашандагӣ дорад. 2. диққатҷалбкунанда, дилкаш, дилрабо, мафтункунанда.

**ҶОЗИБАДОРӢ** جاذبه‌داری 1. ҷозибадор будан, диққатҷалбкунандагӣ, қобилияти ба худ кашандагӣ доштан. 2. дилкашӣ, дилрабоӣ, мафтункунандагӣ.

**ҶОЗИБАНОК** جاذبه ناک *ниг.* **ҷозибадор**.

**ҶОЗИБАНОКӢ** جاذبه‌ناکی *ниг.* **ҷозибадорӣ**.

**ҶОЗИБАСАНҶ** جاذبه‌سنج *физ.* асбобе, ки бо он ҷозиба (қувваи кашиш)-ро месанҷанд.

**ҶОЗИБАСАНҶӢ** جاذبه‌سنجی *мансуб ба* **ҷозибасанҷ**; санҷидани қувваи ҷозиба.

**ҶОЗИБОНА** جاذبانه дилрабоёна, ба худ ҷалб карда, бо рафтори ҷазбкунанда.

**ҶОЗИМ** *а.* جازم қасди қатъикунанда ба иҷрои коре, ҷазмкунанда; **ҷозим шудан** а) азми қатъӣ кардан, қарори қатъӣ гирифтан; б) яқин ҳосил кардан.

**ҶОИЗ** *а.* جائز иҷозатшуда, раво, мумкин; **ҷоиз дидан (донистан)** раво донистан, мумкин ҳисоб кардан; **ҷоиз доштан** раво донистан, мумкин шумоpидан; **агар ин таъбир ҷоиз бошад**... агар ин ифода (ин тавр гуфтан) раво бошад....

**ҶОИЗА** *а.* جائزه инъом, мукофот: **ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ**; **шарҳҷоиза** ҷоизаи асосӣ, гран-при.

**ҶОИЗАДОР** جائزه دار мукофотгирифта, соҳиби ҷоиза.

**ҶОЙАНДОЗ** جای‌انداز он ки ҷои хоб тайёр мекунад; матоъ ё порчаи густурданӣ.

**ҶОЙБАРОЙ** جای‌برائی *гуфт.* ба ҷое рафтан, ба меҳмонӣ рафтан.

**ҶОЙГАҲ** جای‌گه *ниг.* **ҷогаҳ**.

**ҶОЙГИР** جای‌گیر ҷойгиркунанда, маконгиранда, муқим; **ҷойгир гардидан (гаштан)** ҷо гирифтан; **ҷойгири** *касе* **шудан (гаштан)** ҷои касеро гирифтан, ба ҷои касе нишастан, мақоми касеро ишғол кардан; **ҷойгир кардан** ҷо додан, маскан додан, шинондан; **ҷойгир шудан** а) ҷо гирифтан, даромада нишастан, маскан кардан; б) ҷо шудан, ғунҷидан; в) ба худ ҷой ёфтан.

**ҶОЙГИРӢ** جای‌گیری ҷой гирифтан, воқеъ шудан (ба тарзи табиӣ дар ҷое), ҷогирӣ.

**ҶОЙГИРКУНОНӢ** جایگیرکنانی 1. ҷо додан, ҷойгир кардан. 2. татбиқ кардан, ҷорӣ кардан.

**ҶОЙГИРОНӢ** جای‌گیرانی ҷой тайёр карда гузоштан, ҷо гирифтан.

**ҶОЙГОҲ** جای‌گاه 1. ҷои хоб, рахти хоб; *муқ.* **ҷога(ҳ)**. 2. ҷой, манзил, маскан. 3. зарф, ҷои барои нигоҳдории чизе.

**ҶОЙГУЗИН** جای‌گزین ивазкунанда.

**ҶОЙДОР** جای دار доро ва соҳиб ба ҷои нишаст.

**ҶОЙДОРӢ** جای‌داری маҳаллӣ, ҳар чизе ки хоси ҳамон маҳал бошад, ҳар чизе ки истеҳсол ё рӯидаи ҳамон маҳал бошад: **коғази ҷойдорӣ, қолини ҷойдорӣ, ғӯзаи ҷойдорӣ, шамъи ҷойдорӣ**.

**ҶОЙИВАЗКУНАНДА** جای‌عوض‌کننده 1. ҳар ки ва ҳар чи ки ҷояшро иваз мекунад. 2. ғайридоимӣ, ноустувор, тағйирёбанда.

**ҶОЙНАМОЗ** جاینماز рӯйҷое, ки дар рӯи он намоз мехонанд, саҷҷода.

**ҶОЙПӮШ** جای‌پوش пардаи дӯхта ё кашидадӯзишуда, ки бо он рахти хоб ё кӯрпаро мепӯшонанд.

**ҶОЙПӮШАК** جای‌پوشک :**либоси ҷойпӯшак** *ниг.* **ҷойпӯшӣ: либоси ҷойпӯшӣ**.

**ҶОЙПӮШӢ** جای‌پوشی :**либоси ҷойпӯшӣ** либосе, ки ҳангоми ба ҷое рафтан мепӯшанд.

**ҶОЙРАВ** جای‌رو он ки ба маъракву маросимҳо рафта ҳунарнамоӣ мекунад; маросимрав, маъракарав.

**ҶОЙРАВӢ** جای‌روی *гуфт.* ба меҳмонӣ рафтан: **либоси ҷойравӣ**.

**ҶОЙХОБ** جای‌خواب ҷогаҳ, рахти хоб, бистари хоб, ҷои хоб.

**ҶОЛА** جاله *ниг.* **жола**.

**ҶОЛАБАРФАК** جاله‌برفک барфи ба ҷола омехта.

**ҶОЛИБ** *а.* جالب ба худ кашанда, ҷалбкунанда, ҷозибадор, ҳавасангез; **ҷолиби диққат** диққатҷалбкунанда, сазовори диққат, шавқовар, ҳавасангез.

**ҶОМ** جام 1. қадаҳ, пиёлаи майнӯшӣ; ҷоми бода: **ҷоми булӯрӣ, ҷоми гулгун, ҷоми май, ҷоми шароб**. 2. *ба тариқи истиора* худи ҳамон чизро ифода мекунад; **ҷоми зафар, ҷоми ишрат, ҷоми меҳр, ҷоми саодат, ба ҷоми** *касе* **заҳр рехтан** зиндагии касеро заҳролуд кардан. 3. *варз.* ҷоизае барои ягон соҳаи варзиш, **ҷоми футбол, шаҳҷом** ҷоизаи ҷаҳонӣ барои мусобиқа дар варзиш.

**ҶОМА** I جامه либоси пахтаноки дарозиаш аз зону поён, ки аз рӯй мепӯшанд; **ҷомаи абраастари кампахта, ҷомаи алоча, ҷомаи банорас, ҷомаи беқасаб, ҷомаи зеҳборик, ҷомаи серпахта, ҷомаи боронӣ** ҷомаи обногузар, ки вақти борон мепӯшанд; **ҷомаи хоб** бистари хоб; **ҷомаи корӣ** корҷома, либоси корӣ; **ҷомаи амал пӯшидан** амалӣ гардидан, ба вуҷуд омадан, иҷро гардидан; **ҷома пӯшондан** *ба касе* ҳурмати касеро ба ҷо оварда ба вай ҷома инъом кардан; **ҷома чаппа пӯшидан** дар қаҳру ғазаб будан, оташин будан, якравӣ кардан; **чанд ҷома пеш дарондан** синну солаш калон будан аз касе, таҷрибааш бештар будан аз касе; **ба гап ҷома пӯшондан** гапдон будан, суханпардозӣ кардан; **ҷомаи бомаслиҳат (буридашуда) кӯтоҳ намеояд** (*мақ*); **ҷомаи азо пӯшидан** азо доштан.

**ҶОМА** II جامه *кит.* ҷом, қадаҳ; кӯза, кӯзаи шароб.

**ҶОМАБОБ** جامه‌باب матои лоиқ ва муносиб ба-

рои ҷома дӯхтан.

**ҶОМАБОФ** جامه‌باف *кит.* бофанда.

**ҶОМАБОФӢ** جامه‌بافی *кит.* бофандагӣ.

**ҶОМАБУРОН** جامه‌بران чанд рӯз пеш аз тӯй либосвории арӯсро буридану дӯхтан.

**ҶОМАВОР** جامه‌وار 1. либоси муносиб барои ҷома. 2. матое, ки барои дӯхтани як ҷома кифоя мекунад.

**ҶОМАВОРӢ** جامه‌واری 1. матои муносиб барои дӯхтани ҷома. 2. як порча матоъ, ки барои як ҷома дӯхтан кифоя бошад: **як ҷомаворӣ сатин.**

**ҶОМАГӢ** I جامگی либоспулӣ, пули либос; *маҷ.* маош, ротиба, мавоҷиб.

**ҶОМАГӢ** II جامگی *ниг.* **ҷомавор.**

**ҶОМАДАРИДА** جامه‌دریده 1. он ки ҷомааш дарида аст. 2. *маҷ.* камбағал, бенаво, муздур.

**ҶОМАДАРОН** جامه‌دران он ки ҷома медаронад; он ки дар таъминоти каси дигаре бошад, хӯранда, пӯшанда: **нонхӯру ҷомадарон**.

**ҶОМАДАРОНӢ** جامه‌درانی ҷомаи якдигарро даронидан, либосдаронӣ, занозанӣ.

**ҶОМАДОН** جامه‌دان қуттии (сандуқчаи) махсуси дастакдор барои андохтани либосворӣ ва чизҳои дигар, чамадон.

**ҶОМАДОР** جامه‌دار 1. ҷомапӯш, ҷомапӯшида. 2. *таър.* он ки либосвории амирро назорат мекард.

**ҶОМАДӮЗ** جامه‌دوز он ки ҷома медӯзад, он ки ба духтани ҷома машғул аст.

**ҶОМАДӮЗӢ** جامه‌دوزی ҷома дӯхтан: **кори (касби) ҷомадӯзӣ, ҷомадӯзӣ кардан**.

**ҶОМАЗЕБ** جامه‌زیب 1. чизи муносиб барои дӯхтани ҷома (*мас.*, *матоъ*, зеҳ *ва г.*). 2. *маҷ.* одаме, ки ҷома ё либосҳои дигар ба вай мезебад, одами хушқад ва хушнамуд.

**ҶОМАКАН** جامه‌کن *кит.* ҷое, ки дар гармоба либосҳоро аз тан мекашанд, рахткан.

**ҶОМАКОР**جامه‌کار ҷомаи корӣ, корҷома.

**ҶОМАПӮШ** جامه‌پوش он ки ҷома пӯшида бошад, он ки дар тан ҷома дорад.

**ҶОМАПӮШОНӢ** جامه‌پوشانی 1. ба касе ҷома пӯшонидан. 2. ба касе ҷома инъом кардан (дар тӯй, ҷашн *ва г.*); ◊ **ба сухан ҷомапӯшонӣ** суханпардозӣ.

**ҶОМАСАФЕДОН** جامه‌سفیدان *таър.* пайравони Муқаннаъ ва шуришиёни Осиёи Миёна ва Хуросон ба муқобили аъроб дар асрҳои VII – VIII *ва г.*

**ҶОМАФУРӮШӢ** جامه‌فروشی фурӯхтани ҷома, фурӯши ҷома: **бозори (дӯкони, растаи) ҷомафурӯшӣ**.

**ҶОМАХОБ** جامه‌خواب *кит.* бистар, рахти хоб.

**ҶОМАХОНА** جامه‌خانه ҷои либосовезӣ, гардероб, ҷолибос.

**ҶОМАШӮӢ** جامه‌شوئی 1. шустани либос, либосшӯӣ. 2. чизе ки барои ҷомашӯӣ истифода мешавад: **тағораи ҷомашӯӣ, хокаи ҷомашӯӣ, собуни ҷомашӯӣ**. 3. чизҳои, либосҳои шусташаванда; **ҷомашӯии** *касеро* **овардан**.

**ҶОМАШӮЙ** جامه‌شوی он ки ҷома мешӯяд, либосшӯянда.

**ҶОМАШӮЙХОНА** جامه‌شوی‌خانه ҷои махсус, ки дар он ҷомашӯӣ мекунанд.

**ҶОМЕА** *а.* جامعه ҷамъияти одамон, гурӯҳи одамон, иҷтимоъ, ҷамъият.

**ҶОМЕАГАРО** جامعه‌گرا 1. он ки ба корҳои иҷтимоӣ майл дорад. 2. *с.* он ки манфиатҳои умумиро ҳимоят мекунад.

**ҶОМЕАГАРОӢ** جامعه‌گرائی ба ҷомеа майл доштан, манфиатҳои одамонро ҳимоя кардан.

**ҶОМЕАПАЗИРӢ** جامعه‌پذیری қабулкунандаи урфу одат, кирдор, рафтор ва муносибат, иҷтимоӣ будан, зуд бо атрофиён забон ёфтан.

**ҶОМЕАСИТЕЗӢ** جامعه‌ستیزی аз ҷомеа гурехтан, хилватнишинӣ, бо гурӯҳи одамон забон наёфтан, муошират карда натавонистан.

**ҶОМЕАШИНОС** جامعه‌شناس олиме, ки ба масъала ва мушкилоти иҷтимоии ҷомеа сару кор дорад.

**ҶОМЕАШИНОСӢ** جامعه‌شناسی илме, ки ҳаёти иҷтимоии ҷамъиятро меомӯзад.

**ҶОМЕЪ** *а.* جامع 1. ҷамъкунанда, гирдоваранда. 2. дарбаргиранда, аз худкунанда; **ҷомеъул-**

**ҳикоёт** дарбаргирандаи ҳикояҳо. 3. маҷмӯъ, ҳама. 4. масҷиди калон: **масҷиди ҷомеъ**.

**ҶОМИД** *а.* جامد 1. сахт, зич. 2. сахтшуда, яхкарда. 3. *хим.* ғайриорганикӣ. 4. ғайризинда. 5. *грам.* каммаҳсул, сода.

**ҶОМИЗ** جاميز ҷое дар зери мизи корӣ барои гузоштани китоб, дафтар ва дигар ашёи лозими корӣ.

**ҶОМОНДА** جامانده 1. он ки аз ҷое ё аз гурӯҳе ақиб мондааст, ҷудоафтода, дурафтода. 2. боқимонда; он чи баъд аз марг аз касе боқӣ мондааст, мерос.

**ҶОМОНДАГӢ** جاماندگى ҷудо шудан ё дур мондан аз касе ё аз гурӯҳе, дурафтодагӣ, ҷудомондагӣ.

**ҶОМПАЙМО** جامپيما он ки шаробнӯширо дӯст дорад, арақхӯр, майхора.

**ҶОН** جان 1. олами рӯҳии дохилии инсон, ки ҳамчун як чизи шартӣ ва мавҳум тасаввур мешавад ва онро сабаби зиндагӣ мешуморанд, рӯҳ, равон. 2. умуман, як чизи мавҳуме, ки сабаби зиндагии ҳамаи ҷондорон тасаввур мешавад, василаи асосии зиндагӣ; **бо ҳавли ҷон** аз тарси зиёд; **талвосаи ҷон**; **ваҳми ҷон** тарсу ваҳм барои ҳифзи зиндагӣ. 3. ҳаёт, зиндагӣ; **ҷон гарав ҷома гарав** (*мақ.*) вақте гуфта мешавад, ки бо ҳар роҳе кореро иҷро кардан хоҳанд; **дили одаткарда балои ҷон** (*мақ.*). 4. *маҷ.* дил, қалб; **аз мағзи ҷон** бо самими дил; **ба ҷон** аз таҳти дил; **ба (бо) ҷону дил** аз самими қалб, бо самимияти тамом. 5. *маҷ.* одами хеле наздик, хеш ё фарзанд; ҷону ҷигар. 6. мурочиат ба тарзи навозиш, эҳтиром ва таъкиди наздикӣ, азиз, киромӣ: **ҷони бобо!, ҷони ширин!, эй ҷон!, эй ҷони ман!, ҷӯраи ҷон** ҷӯраи қарин. 7. моҳият, асос, мағз; **ҷони гапро гуфтан** моҳияти гапро гуфтан. 8. пасванди навозиш ва эҳтиром: **додарҷон, модарҷон, муаллимҷон; ҷони одам** одами хеле хуб, одами меҳрубон ва шафиқ; **балои ҷон** а) офати ҷони одам; б) боиси ташвиш, заҳмат, ранҷ, бадбахтӣ *ва г.*; **ҷон аз бадан баромадан** мурдан, тамом шудан; **ҷон ҳузур кардан** роҳат кардан, кайф кардан; **ҷон ба каф гирифтан** фидокорӣ кардан, ҷонбозӣ кардан, аз хатар натарсида коре кардан; **ҷон ба лаб расидан (омадан)** қариб ба мурдан расидан, сахт ба танг омадан; **ҷон ба саломат бурдан** зинда халос шудан аз таҳлукае; **ҷон ба хатар андохтан** зиндагии худро ба хавф мондан, ба кори хавфнок иқдом кардан; **ҷон бахшидан** а) боиси мадор ва қувват шудани чизе ба касе; б) фидо шудан, қурбон шудан; **ҷон ба ҳалқ овардан** ба мурдан наздик кардан, хеле дилтанг ва безор кардан аз коре; **ҷон бохтан** ҷон фидо кардан, ҷон нисор кардан дар иҷрои коре, дар мубориза; **ҷон гирифтан** а) қувват пайдо кардан; б) равнақ ёфтан, ба ҳаракат даромадан; **ҷон гарав мондан** ба мурдан розӣ шуда кореро анҷом додан; **ҷон дар амон мондан** саломат мондан, таҳлукае набудан барои зиндагӣ; **ҷон даромадан** *ба касе* қувват пайдо шудан дар касе, шавқу иштиёқ пайдо шудан барои коре; **ҷон дар рамақ доштан** ҳанӯз зинда будан; **ҷон додан** а) мурдан; б) қурбон шудан; в) таслим шудан, сар фуровардан; **ҷон дода ҷон гирифтан** сахт задухӯрд кардан; **ҷон доштан** а) зинда будан; б) асос доштан, сабаб доштан; **ҷони** *касе* **баромадан** а) мурдан; б) сахт хашмгин шудан; **ҷони** *касеро* **бахшидан** зинда монондан, ҳукми куштани касеро бекор кардан; **ҷони** *касеро* **халос кардан** раҳоӣ додан, озод кардан касеро (аз қайде, ташвише, хатаре *ва г.*); **ҷони** *касе* **ҳалок будан** дар ғами чизе будан, дар талвосаи чизе будан; **ҷони худро дареғ надоштан** ҷон фидо кардан, фикри зинда мондани худро накардан; **ҷони худро халос кардан** саломат халос шудан, наҷот ёфтан; **ҷон кандан** а) дар ҳолати назъ будан, дар дами марг будан; б) азобу машаққат кашидан, сахт кӯшидан барои коре; **ҷон коҳондан** азоб кашидан, ранҷ бурдан, заҳмати бисёр кашидан; **ҷонро ба ҷаббор додан** мурдан, ба мурдан розӣ шудан; **ҷон фидо кардан** ҳаёти худро бахшидан, ранҷу заҳмати бисёр кашидан барои коре; **ҷон ситондан** ҷон гирифтан, куштан; **ҷон супурдан** мурдан, ҳалок шудан; **ҷон қурбон кардан** худро фидо кардан; **ҷон-ҷон гуфтан** аз самими қалб розӣ шудан, бо камоли майл маъқул донистан; **аз сад ҷон як ҷонаш ҳам халос нашудан** вақте гуфта мешавад, ки аз халосии касе ҳеҷ умеде набошад; **аз ҷон андешидан** ғами зиндагии худро хӯрдан, дар бораи ҳаёти худ фикр кардан, аз ҷони худ тарсидан; **аз ҷон безор кардан** сахт ба танг овардан; **аз ҷони худ гузаштан** а) аз баҳри зиндагӣ гузаштан; б) ҷон фидо кардан; **аз ҷон сер кардан** касеро безор

кардан, ба танг овардан; **аз ҷон сер шудан** аз тангӣ ва вазнинии аҳвол ба мурдани худ розӣ шудан, сахт ба танг омадан; **ба фикри молу ҷон шудан** дар ғами чизу чора ва саломатии худ будан; **ба ҷони** *касе* **расидан** безор шудан аз чизе, хеле ба танг омадан аз чизе; **ба ҷони** *касе* **қасд кардан** дар паи нест кардани касе шудан; **ба ҷон омадан** безор шудан, ба танг омадан; **ба ҷон расондан** безор кардан; ба ҷону ҳолаш намондан маҷбур кардан касеро; **ба ҷон ҷабр кардан** худро ба азоби сахт мондан, худро сахт азият додан; **дард аз ҷон гузаштан** сахт дар азоб будан аз озоре; **дар ғами ҷон будан** дар фикри зиндагии (зинда мондани) худ будан; **дуои ҷони** *касеро* **кардан** саломатию беҳбуди касеро хостан; **то ҷон дар тан будан** то зинда будан; **то ҷон доштан** а) то зинда будан; б) бо тамоми қувва; **як тану як ҷон шудан** муттаҳид шудан.

**ҶОНАВАР** جانور *ниг.* **ҷонвар**.

**ҶОНАК** جانک *калимаи навозиш аз* **ҷон**: **ҷонаки ширинам**.

**ҶОНАМБАРО** جانم‌برا *гуфт.* ниҳоят зихна ва ҳарис, хасиси гузаро.

**ҶОНАМОЗ** جانماز *ниг.* **ҷойнамоз**.

**ҶОНАФЗО(Й)** جان‌افزا(ی) рӯҳафзо, зиндагибахш.

**ҶОНАФРӮЗ** جان‌افروز хурсандибахш, ба ваҷд оваранда.

**ҶОНАФШОН** جان‌افشان *ниг.* **ҷонсупор**.

**ҶОНАФШОНӢ** جان‌افشانی ҷонсупорӣ, ҷонфишонӣ.

**ҶОНБАР** جان‌بر 1. ҷонгир, ҷонрабо, кушанда. 2. *маҷ.* мафтункунанда.

**ҶОНБАРОР** جان‌برار ҷонгиранда, кушанда, маҳвкунанда.

**ҶОНБАХШ** جان‌بخش 1. ҳаётбахш, фараҳбахш. 2. он ки барои касе ё коре худро фидо мекунад, ҷонфидо, фидокор.

**ҶОНБИН** جان‌بین бинандаи ҷон, бинандаи дил; ботинбин, дақиқбин, нозукбин.

**ҶОНБОЗ** جان‌باز муборизи диловар, фидокор.

**ҶОНБОЗӢ** جان‌بازی ҷон фидо кардан, ҷон дареғ надоштан, фидокорӣ; **бо ҷонбозӣ** фидокорона, ҷон дареғ надошта (коре кардан); **ҷонбозӣ кардан** фидокорӣ кардан, аз қурбон шудан натарсида коре кардан.

**ҶОНБОЗОНА** جان‌بازانه фидокорона, ҷонро дареғ надошта.

**ҶОНБОХТА** جان‌باخته ҷонбозанда, ҷонбоз, фидокор, қурбоншаванда.

**ҶОНВАР** جانور 1. ҳар чизи зинда ғайр аз инсон. 2. *маҷ.* одами бад ва бешуур, одами ҳайвонхислат.

**ҶОНВАРАК** جانورک ҷонвари хурд, ҷонзоти хурд: **ҷонвараки баҳрӣ**.

**ҶОНВАРДОР** جانوردار *кит.* сайёд, шикорчӣ.

**ҶОНВАРШИНОС** جانورشناس олиме, ки ғайр аз инсон чизҳои дигари зиндаро меомӯзад.

**ҶОНВАРШИНОСӢ** جانورشناسی илме, ки дар бораи ҳайвонот баҳс мекунад, зоология.

**ҶОНГАЗО(Й)** جانگزا(ی) *кит.* 1. осебрасондаи ҷон, ҷонкоҳ. 2. кушанда.

**ҶОНГИР** جان‌گیر ҷонбарор, кушанда: **тири ҷонгир**.

**ҶОНГИРИФТА** جان‌گرفته ҷондароварда, қувватгирифта, беҳтаршуда.

**ҶОНГУДОЗ** جان‌گداز гудозандаи ҷон, обу адокунандаи ҷон, ҷонгусил, ҷонкан, ҷонкоҳ: **азоби ҷонгудоз, мусибати ҷонгудоз, озори ҷонгудоз, тири ҷонгудоз, фарёди ҷонгудоз, оҳи ҷонгудоз**.

**ҶОНГУДОЗОНА** جان‌گدازانه хеле пуразоб, хеле сахт,бо як азоб, бо душвориву мушкилӣ.

**ҶОНГУЗАР** جان‌گذر аз ҷон гузаранда, ҷонгусил, ҷонкан, кушанда: **тири ҷонгузар**.

**ҶОНГУСИЛ** جان‌گسیل ҷонгудоз, ҷонкан, кушанда; **шабохуни ҷонгусил**.

**ҶОНДАРОЗӢ** جان‌درازی *кит.* умрдарозӣ.

**ҶОНДЕҲ** جان‌ده ҷонбахш, зиндагибахш.

**ҶОНДОДА** جان‌داده ҷонфидо, фидокор.

**ҶОНДОР** I جاندار 1. ҳар чизе ки ҷон дошта бошад, зинда. 2. ҳайвон, чорпо: **моли ҷондор**. 3. ҷоннок, қувватнок.

**ҶОНДОР** II جاندار он ки барои амният ва эминии шахсе масъул аст, силоҳдор, яроқдор;

нигаҳбон, посбон.

**ҶОНДОРАК** جانداراک тасғири ҷондор, ҷондори хурд.

**ҶОНДОРУ** جاندارو 1. нӯшдору, подзаҳр, доруи зидди заҳр, тарёк. 2. *маҷ.* май, шароб.

**ҶОНЗОД** جانزاد *ниг.* **ҷонзот**.

**ҶОНЗОТ** جانذات 1. ҷондор, ҳар чизи зинда. 2. кас, одам.

**ҶОНИБ** *а.* جانب 1. тараф, сӯй, самт. 2. *маҷ.* ашхос, одамон; **аз ҷониби...** а) аз сӯи..., аз самти...; б) аз тарафи..., аз номи...; **аз ҷониби** *касе* **кор кардан**; в) ба ҷои..., ба номи..., аз тани...; **ба ҷониби**... ба тарафи...; **ин ҷониб** а) то ин дам, то ин вақт, ин тараф, ин сӯ; б) банда, камина; **ҷониби** *чизеро* **тарҷеҳ кардан (додан)** чизеро беҳтар шумурдан, чизеро бартар шумурдан, тарафи чизеро гирифтан; **ҷониби** *чизе* **шудан** ба сӯи чизе рафтан; **ба ҷониби дигар гардондан (тофтан)** ба сӯи дигар тофтан.

**ҶОНИБДОР** جانبدار тарафдор, ҳаводор, дастгир.

**ҶОНИБДОРӢ** جانبداری тарафгирӣ, ҳимоя, дастгирӣ дар вақти муайян.

**ҶОНИШИН** I جانشین 1. он ки ба ҷои касе дар вақти набудани ӯ кор мебарад. 2. он ки ба каси дигар барои бурдани кор ёрӣ мерасонад, кофил, муовин: **ҷонишини мудир, ҷонишини раис, ҷонишини сардор**. 3. ёвар, мададгор, давомдиҳанда.

**ҶОНИШИН** II جانشین *грам.* ҳиссаи нутқе, ки ба ҷои исму сифату шумора меояд.

**ҶОНИШИНӢ** جانشینی ҷонишин будан, муовинӣ, кофилӣ.

**ҶОНӢ** I جانی 1. самимӣ, ҳақиқӣ, содиқ, босадоқат: **бародари ҷонӣ, дӯсти ҷонӣ, ҷӯраи ҷонӣ**. 2. қаттол, бераҳм: **душмани ҷонӣ.**

**ҶОНӢ** II *а.* جانی ҷинояткунанда, ҷинояткор.

**ҶОНКАН** جان‌کن он ки аз дилу ҷон кор мекунад, меҳнатдӯст, фидокор.

**ҶОНКАНӢ** جان‌کنی 1. азобу машаққати сахт, талвосаи марг, ҳолати назъ. 2. *маҷ.* ҳаракати пурмашаққат, зӯрзании пуршиддати боазоб.

**ҶОНКАНОНА** جان‌کنانه дар ҳолати ҷонканӣ, ҳаракати ниҳоят бошиддат аз ҳавли ҷон.

**ҶОНКОҲ** جان‌کاه 1. ҷонгусил, ҷонгудоз, пурдард, пуразоб: **нолаи ҷонкоҳ, овози ҷонкоҳ, оҳи ҷонкоҳ, садои ҷонкоҳ, фарёди ҷонкоҳ**. 2. кушанда, марговар, ҷонбарор: **найзаи ҷонкоҳ**.

**ҶОНКОҲОНА** جان‌کاهانه ҷонкоҳ, безоркунанда ва тоқатшикан: **умедвориҳои ҷонкоҳона**.

**ҶОНКОҲОНӢ** جان‌کاهانی ҷон коҳонидан, ташвиш, заҳмат.

**ҶОННИСОР** جان‌نثار нисоркунандаи ҷон, ҷонфидо, фидокор.

**ҶОННИСОРӢ** جان‌نثاری нисор кардани ҷон, фидокорӣ, ҷонфидоӣ.

**ҶОННИСОРКУНАНДА** جان‌نثارکننده *ниг.* **ҷоннисор**.

**ҶОННИСОРОНА** جان‌نثارانه ба тарзи ҷоннисорӣ, фидокорона.

**ҶОННОК** جانناک 1. ҷондор, зинда; **қувваи ҷоннок** қувваи зинда. 2. боҳаракат, пурҷӯш, пурхурӯш, гарму ҷӯшон, боравнақ; **ҷоннок гузаронидан (дарсро, машғулиятро)**; **ҷоннок кардан**; **ҷоннок гардонидан** (кореро, амалеро).

**ҶОННОКӢ** جاناکی 1. зинда будан, ҷон доштан. 2. пурҷӯшӣ, пурхурӯшӣ, гарму ҷӯшонӣ, равнақдорӣ.

**ҶОНО** جانا эй ҷон (*мухотаб*).

**ҶОНОЗОР** جان‌آزار озордиҳандаи ҷон, ҷонкоҳ, азобдиҳанда.

**ҶОНОЗОРӢ** جان‌آزاری амалу шуғли ҷонозор.

**ҶОНОН** جانان маҳбуб, маҳбуба, маъшуқ, маъшуқа.

**ҶОНОНА** جانانه маҳбуба, маъшуқа.

**ҶОНОСО** جان‌آسا ҷоноромкунанда, оромбахши руҳу ҷон.

**ҶОНОФАРИН** جان‌آفرین 1. *д.* *сифати* Худо. 2. *маҷ.* ҷонбахш, рӯҳбахш, зиндакунанда, соҳибҳунар, соҳибистеъдод.

**ҶОНОҶОН** جاناجان маҳбуб, дӯстдор, меҳрубон, азиз: **ватани ҷоноҷон, дӯсти ҷоноҷон**.

**ҶОНПАНОҲ** جان‌پناه ҷонпарвар, ҷонбахш; *ки-*

*ноя* аз роҳату ҳаловатдиҳанда.

**ҶОНПАРВАР** جانپرور ҷонбахш, рӯҳафзо, роҳатбахш, ҳаловатбахш.

**ҶОНПАРДОЗ** جانپرداز дилрабо, шавқовар, ҷаззоб.

**ҶОНСАБИЛ** جانسبیل 1. он ки ҷонаш зоеъ шудааст, ҷонфигор. 2. *маҷ.* бадбахт: **одами ҷонсабил**.

**ҶОНСАРАК** جانسرک *гуфт.* 1. саросема, беқарор. 2. саросемавор, беқаророна, аз ҳавли ҷон, бо ошуфтагии тамом.

**ҶОНСАХТ** جانسخت тоқатовар, тобоваранда, бобардошт, устувор: **дарахти ҷонсахт, одами ҷонсахт, растании ҷонсахт**.

**ҶОНСАХТӢ** جانسختی сахтҷонӣ, поядагӣ, дерпоӣ, зуд барҳамнахӯрандагӣ: **ҷонсахтии урфу одатҳои кӯҳна**.

**ҶОНСЕР** جانسیر он ки аз ҷони худ сер шудааст, он ки аз ҷон безор шудааст, азобдида.

**ҶОНСИПОР** جانسپار *ниг.* **ҷонсупор**.

**ҶОНСИПОРӢ** جانسپاری *ниг.* **ҷонсупорӣ**.

**ҶОНСИПОРОНА** جانسپارانه *ниг.* **ҷонсупорона**.

**ҶОНСИПӮЗ** جانسپوز *кит.* нигаҳдорандаи ҷон, аз мурдан нигоҳдоранда, нигаҳдори ҷон.

**ҶОНСИТОН** جانستان 1. ҷонгир, кушанда. 2. ҷонгудоз, ҷонгусил, бисёр сахт.

**ҶОНСИТОНӢ** جانستانی ҷонгирӣ, ҷон гирифтан, кушандагӣ, қатл.

**ҶОНСУПОР** جانسپار он ки кореро фидокорона иҷро мекунад, он ки ба касе, ба коре ба тамом дода шудааст; фидокор, ҷонфидо, ҷонбахш, содиқ.

**ҶОНСУПОРӢ** جانسپاری ҷон фидо кардан, фидокорӣ, ҷонбахшӣ, ҷонфидоӣ; **ҷонсупорӣ кардан** фидокорӣ нишон додан, ҷон фидо кардан.

**ҶОНСУПОРОНА** جانسپارانه фидокорона, ҷонфидоёна, ҷонбахшона: **ҷонсупорона** *коре* **кардан.**

**ҶОНСӮЗ** جانسوز 1. сӯзонандаи ҷон, азобдиҳанда: **гармии ҷонсӯз, оташи ҷонсӯз**. 2. он ки барои касе ё коре ҷонашро фидо мекунад, фидокор, ниҳоят ғамхор ва дилсӯз: **модари ҷонсӯз, одами ҷонсӯз.** 3. пурсӯз, пуразоб, пуралам, аламнок: **ишқи ҷонсӯз, нолаи ҷонсӯз, оҳи ҷонсӯз**.

**ҶОНСӮЗӢ** جانسوزی 1. пурсӯзӣ, пураламӣ, пуразобӣ, ҷонгудозӣ. 2. ғамхорӣ, дилсӯзӣ: **ҷонсӯзӣ кардан ба** *касе*, *чизе*; **ҷонсӯзӣ кардан дар ҳаққи** *касе*, *чизе*.

**ҶОНСӮЗОНА** جانسوزانه фидокорона, дилсӯзона, аз таҳти дил: **ҷонсӯзона кор кардан**.

**ҶОНТАЛВОСА** جانتلواسه *гуфт.* дар талвосаи ҷон, аз тарси ҷон: **ҷонталвоса дасту по задан**.

**ҶОНФАЗО** جانفزا *ниг.* **ҷонфизо**.

**ҶОНФАЗОӢ** جانفزائی *кит.* ҷонафзоӣ, рӯҳафзоӣ, равонбахшӣ.

**ҶОНФАЗОЯНДА** جانفزاینده *кит.* ҷонафзо, рӯҳафзо, зиндагибахш, ҳаётбахш.

**ҶОНФАРСО(Й)** جانفرسا(ی) 1. ҳалокатовар, кушанда: **тири ҷонфарсо, ҳуҷуми ҷонфарсо**. 2. ҷонфигор, пуразоб, пурмашаққат: **кори ҷонфарсо, роҳи ҷонфарсо**.

**ҶОНФАРСОӢ** جانفرسائی ҷонгудозӣ, ҷонкоҳӣ.

**ҶОНФИГОР** جانفگار афгор ва хастакунандаи ҷон, сахт азобдиҳанда.

**ҶОНФИДО** جانفدا фидокор, ҷонсупор.

**ҶОНФИДОЁНА** جان فدایانه *ниг.* **ҷонфишонӣ**.

**ҶОНФИДОӢ** جانفدائی фидокорӣ, ҷонсупорӣ: **ҷонфидоӣ кардан**.

**ҶОНФИЗО** جانفزا ҷонафзо, рӯҳафзо, фараҳбахш, роҳатбахш, ҳаётбахш.

**ҶОНФИШОН** جانفشان ҷонфидо, ҷоннисор, фидокор, ҷонбахш, ҷонсупор.

**ҶОНФИШОНӢ** جانفشانی 1. фидокорӣ, ҷонбахшӣ, ҷонсупорӣ, қурбон шудан. 2. ғамхорӣ, дилсӯзӣ.

**ҶОНХАРОШ** جانخراش ҷонфигор, ҷонсӯз: **нолаи ҷонхарош, фарёди ҷонхарош**.

**ҶОНШИКОР** جانشکار шикоркунандаи ҷон, ҷонситон.

**ҶОНШИКОФ** جانشکاف ҷонсӯз, ҳалокатовар: **тири ҷоншикоф**.

**ҶОНШУМУРӢ** جانشمری ҳисоби сари оила, гурӯҳи мардум *ва г.*, оморгирии аҳолӣ.

**ҶОПОНӢ** جاپانی *мансуб ба* **ҷопон**; японӣ: **рӯймоли ҷопонӣ**.

**ҶОР** I جار 1. овоз, садо, фарёд. 2. хабар, хабардиҳӣ, даракдиҳӣ: **ҷор андохтан, ҷор задан, ҷор кашидан** бо овози баланд чизеро эълон кардан (*хабар додан, шунавондан, ба ҳама маълум кардан*).

**ҶОР** II *а.* جار ҳамсоя.

**ҶОРЗАН** جارزن *ниг.* **ҷорчӣ**.

**ҶОРИГАРДИДА** جاری‌گردیده ҷоришуда.

**ҶОРИКУНАНДА** جاری‌کننده он ки чизеро ҷорӣ мекунад, он ки чизеро амалӣ ва умумӣ мегардонад.

**ҶОРИШАВАНДАГӢ** جاری‌شوندگی дорои қобилияти ҷорӣ шудан, ба равон шудан қобил будан (*дар бораи* моеъ).

**ҶОРИШАВӢ** جاری‌شوی 1. ҷорӣ шудан, равон шудан; **ҷоришавии об.** 2. татбиқ; амалӣ шудан; умумӣ ва ҳаётӣ гаштан.

**ҶОРИЯ** I *а.* جاریه *кит. муаннаси* **ҷорӣ**; **лаҳзаи ҷория** лаҳзаи гузарон.

**ҶОРИЯ** II *а.* جاریه *кҳн.* 1. духтар. 2. канизак.

**ҶОРӢ** جاری 1. равон, раванда, гузаранда, муруркунанда: **оби ҷорӣ**. 2. амалӣ, маъмул: **таомули ҷорӣ.** 3. дар вақти ҳозира амалкунанда, дар айни ҳол ҳаракаткунанда ва мавҷуд, ҳозира: **кори ҷорӣ**, **масъалаи ҷорӣ**, **панҷсолаи ҷорӣ**, **соли ҷорӣ**, **тартиботи ҷорӣ**, **ҳисоби ҷорӣ (дар ҳисоборорӣ)**; **ҷорӣ гаштан (гардидан)** ҷорӣ шудан; **ҷорӣ доштан** маъмул гардонидан; **ҷорӣ кардан** а) равон кардан; б) рехтан; в) амалӣ гардонидан, ба ҳаракат даровардан, маъмул кардан, татбиқ гардондан: **дигаргунӣ ҷорӣ кардан, тартиб ҷорӣ кардан, ҷорӣ намудан ҷорӣ кардан; ҷорӣ шудан** а) равон шудан (*мас., об ва г.*); б) амалӣ гаштан, татбиқ шудан, барқарор гаштан, ба ҳаракат даромадан; в) гузаштан, мурур кардан: **ҷорӣ шудани вақт, ҷорӣ шудани рӯз**.

**ҶОРӮБ** جاروب асбоби рӯфтурӯб, ки аз шохаҳои баъзе гиёҳҳо баста тайёр мекунанд; **ҷорӯб задан (кардан)** рӯфтан, рӯфта тоза кардан.

**ҶОРӮБАЛАФ** جاروب‌علف алафи ҷорӯб, алафе, ки барои ҷойрӯбӣ истифода мешавад.

**ҶОРӮББАНД** جاروب‌بند он ки ҷорӯбро баста тайёр мекунад.

**ҶОРӮББУТТА** جاروب‌بته буттаи ҷорӯб, буттае, ки аз он ҷорӯб мебанданд.

**ҶОРӮБДУМ** جاروب‌دم ҳайвоне, ки думаш монанди ҷорӯб дарози пахн аст.

**ҶОРӮБЗАН** جاروب‌زن касе, ки ҷорӯб мезанад, он ки рӯфтурӯб мекунад.

**ҶОРӮБӢ** جاروبی *мансуб ба* **ҷорӯб**; бутаҳои барои ҷорӯббандӣ муносиб.

**ҶОРӮБКАШ** جاروب‌کش *ниг.* **ҷорӯбзан**.

**ҶОРӮБКАШӢ** جاروب‌کشی ҷорӯбзанӣ.

**ҶОРӮБМОНАНД** جاروب‌مانند он чи ба ҷорӯб монанд аст.

**ҶОРӮБНОРАСИДА** جاروب‌نارسیده норӯфта, рӯбучиннашуда.

**ҶОРӮБРИШ** جاروب‌ریش серриш, пахнриш: **марди ҷорӯбриш**.

**ҶОРЧӢ** جارچی *ниг.* **ҷарчӣ**.

**ҶОСИЛИҚ** *ю.* جاثلیق 1. пешвои руҳонии насрониёни католик, ки аз усқуф болотар меистод. 2. насронӣ, масеҳӣ.

**ҶОСУС** *а.* جاسوس хабаркаши махсус, ҷустуҷӯ карда хабардиҳандаи аҳволи ягон давлат ё мамлакат ба одамони дахлдори давлати дигар, хабаркаши сиёсии махфӣ.

**ҶОСУСӢ** جاسوسی амали ҷосус, касби ҷосус, ҷосус будан, аҳволи мамлакатеро ба мамлакати дигар хабар додан: **кори ҷосусӣ, ҷосусӣ кардан**.

**ҶОФИРОЙ** جافی‌رای *кит.* он ки ният ва қасди ҷафокорӣ дорад, ҷафоандеш, ҷафокор.

**ҶОФӢ** *а.* جافی *кит.* ҷафокор, ҷафопеша.

**ҶОХСУК//ҶОХШУК** جاخسوک//جاخشوک доси ғалладаравӣ.

**ҶОҲ** جاه 1. мартаба, мақом, дараҷаи баланд, рутба, мансаб: **ҷоҳу маснад**. 2. шаъну шавкат, шӯҳрат, дастгоҳу дабдаба; **ҷоҳу ҷалол** қадру эътибор, давлату шавкат.

**ҶОҲДӮСТ** جاه‌دوست мартабапараст, мансабпараст.

**ҶОҲИЛ** *а.* جاهل 1. нодон, бедониш, бефаҳм. 2. бемаърифат, бефарҳанг, мутаассиб.

**ҶОҲИЛИЯТ** *а.* جاهليت 1. *таър.* давраи тоисломии таъриху адабиёти араб. 2. давраи бутпарастӣ. 3. *ниг.* **ҷоҳилӣ**.

**ҶОҲИЛӢ** جاهلی 1. ҷаҳолат, нодонӣ. 2. таассуб, мутаассибӣ, бемаърифатӣ, бефарҳангӣ.

**ҶОҲИЛОНА** جاهلانه 1. ҷоҳилвор, ба таври ҷоҳилон: **ҷоҳилона коре кардан, ҷоҳилона фарёд кардан**. 2. ҷоҳилӣ, нодонӣ, бефарҳангӣ, бемаданиятӣ: **таассуби ҷоҳилона**.

**ҶОҲПАРАСТ** جاه‌پرست мансабпараст, мансабдӯст, мартабахоҳ.

**ҶОҲПАРАСТӢ** جاه‌پرستی мансабпарастӣ.

**ҶОҲПАРАСТОНА** جاه‌پرستانه шӯҳратпарастона, мансабпарастона.

**ҶОҲТАЛАБ** جاه‌طلب *ниг.* **ҷоҳпараст**.

**ҶОҲТАЛАБӢ** جاه‌طلبی *ниг.* **ҷоҳпарастӣ**.

**ҶОҲТАЛАБОНА** جاه‌طلبانه *ниг.* **ҷоҳпарастона**.

**ҶОҲҶӮ(Й)** (جاه‌جو(ی *ниг.* **ҷоҳпараст**.

**ҶОШ** جاش *кит.* нон.

**ҶОШДОН** جاشدان сандуқи нон, нондон.

**ҶУББА** جبّه *кҳн.* ҷомаи болопӯши васеи дароз.

**ҶУББАХОНА** جبه‌خانه *кҳн.* анбори аслиҳа.

**ҶУБН** I *а.* جبن *кит.* панир.

**ҶУБН** II //**ҶУБУН** *а.* جبن//جبون *кит.* тарсончакӣ, буздилӣ.

**ҶУБРОН** *а.* جبران *кит.* 1. товон. 2. пур кардани ҷои чизи талафшуда.

**ҶУБРОНПАЗИР** جبران‌پذير қобили ҷуброн, барқароршавандагии талафшуда.

**ҶУБРОНПУЛӢ** جبران‌پولی пуле, ки дар ивази чизи талафшуда диҳанд.

**ҶУВОЗ** جواز дастгоҳест иборат аз кундаи миёнкофтаи калон ва тири сутунӣ, ки ба он асп ё говро баста чарх занонда аз кунҷид, зағир *ва г.* равған мекашанд: **ҷувози равғанкашӣ, аспи ҷувоз, ҷувози дари хона** *киноя аз* гови дӯшоӣ.

**ҶУВОЗКАШ** جوازکش 1. он ки дар ҷувоз равған мекашад. 2. ҳайвоне, ки ба ҷувоз мебанданд: **аспи ҷувозкаш, гови ҷувозкаш**.

**ҶУВОЗКАШӢ** جوازکشی ба воситаи ҷувоз равған кашидан.

**ҶУВОЗКУНДА** جوازکنده 1. кундаи ҷувоз. 2. *маҷ.* одами ғафси дағал.

**ҶУВОЗРОН** جوازران *ниг.* **ҷувозкаш.**

**ҶУВОЗТАРОШ** جوازتراش устои ҷӯбтароше, ки бисёртар кундаи ҷувоз метарошад.

**ҶУВОЗТАРОШӢ** جوازتراشی амалу шуғли ҷувозтарош.

**ҶУВОЗХОНА** جوازخانه ҷое, ки дар он бо ҷувоз равған мекашанд.

**ҶУВОЛ** جوال халта ё тӯрбаи калон, ки аз қанор хурдтар буда дар он ғалла ва чизҳои дигар меандозанд; **ҷувол-ҷувол** якчанд ҷувол, хеле бисёр; **як ҷувол сухан гуфтан** сухани бисёр гуфтан; **дурӯғро бо ҷуволаш гуфтан** дурӯғи бисёр гуфтан.

**ҶУВОЛГӮША** جوال‌گوشه хурҷин.

**ҶУВОЛДӮЗ** جوال‌دوز 1. он ки ҷувол медӯзад. 2. сӯзани калон, ки бо он ҷувол, қанор ва монанди инҳоро медӯзанд.

**ҶУВОЛДӮЗӢ** جوال‌دوزی амали ҷуволдӯз.

**ҶУВОЛЧА** جوالچه ҷуволи хурд, халта, линга.

**ҶУВОН** جوان *гуфт.* 1. *ниг.* **ҷавон**. 2. *кҳн.* амрад, бериш.

**ҶУВОНА** جوانه *ниг.* **ҷавона** 1.

**ҶУВОНБОЗ** جوانباز *кҳн.* амрадбоз.

**ҶУВОНИМАРГ** جوانمرگ он ки дар ҷавонӣ мурдааст; *маҷ.* ноком, ба муроднорасида.

**ҶУВОНИМАРГБОБ** جوانمرگباب *гуфт.* сазовори ҷавонимарг шудан (*дар ҳаққи ҷавони бадкора гуфта мешавад*).

**ҶУВОНӢ** جوانی *ниг.* **ҷавонӣ**.

**ҶУВОНМАРГ** جوان‌مرگ *гуфт., ниг.* **ҷавон(и)-марг.**

**ҶУВОНМАРД** جوان‌مرد *ниг.* **ҷавонмард.**

**ҶУВОРИҒУНДОРӢ** جواری‌غنداری ҷамъ кардани маҳсули ҷуворӣ, ғундоштани ҳосили ҷуворӣ.

**ҶУВОРИЗОР** جواری‌زار ҷое, ки ҷуворӣ кошта-анд, ҷое, ки ҷуворимакка хеле зиёд аст, киштзори ҷуворӣ.

**ҶУВОРИКОР** جواری‌کار он ки ҷуворӣ кишт мекунад, коранда ва кишткунандаи ҷуворӣ.

**ҶУВОРИКОРӢ** جواری‌کاری шуғли ҷуворикор, коридан ва коштани ҷуворӣ.

**ҶУВОРИМАККА** جواری‌مکّه *ниг.* **ҷуворӣ**.

**ҶУВОРИМАККАҒУНДОР** جواری‌مکّه‌غندار он ки ҷуворимакка кишта, ҳосилашро ғун медорад; восита ва техникае, ки бо он ҷуворӣ ҷамъоварӣ мекунанд.

**ҶУВОРИМАККАҒУНДОРӢ** جواری‌مکّه‌غنداری *ниг.* **ҷувориғундорӣ**.

**ҶУВОРИМАККАЗОР** جواری‌مکّه‌زار майдони кишти ҷуворимакка.

**ҶУВОРИМАККАПАРВАР** جواری‌مکّه پرور он ки ҷуворимакка кишт мекунад.

**ҶУВОРИМАККАПАРВАРӢ** جواری‌مکّه‌پروری *ниг.* **ҷуворикорӣ**.

**ҶУВОРИПОЯ** جواری‌پایه пояи ҷуворӣ.

**ҶУВОРИШ** جوارش *тиб.* омехтаи доругӣ барои мӯътадил гардондани ҳозима, ҷавориш.

**ҶУВОРӢ** جواری растаниест ғалладонагӣ, ки пояаш наймонанди ғафс буда, донаҳои сафедаш дар хӯшаи нӯги пояаш ғун мешавад: **ҷувории сафед**.

**ҶУҒЗ** *а.* جغذ чуғз, чуғд, бум.

**ҶУҒРОФИДОН** جغرافی‌دان *ниг.* **ҷуғрофиядон**.

**ҶУҒРОФИЯ** *ю.* جغرافیه илмест, ки вазъияти кураи Замин, шароити табиӣ, нуфус, захираҳо ва иқтисодиёти онро меомӯзад ва вобаста ба ин соҳаҳои гуногун дорад: **ҷуғрофияи иқтисодӣ, сиёсӣ, табиӣ** *ва г.*

**ҶУҒРОФИЯДОН** جغرافیه‌دان мутахассиси соҳаи ҷуғрофия; донандаи илми ҷуғрофия.

**ҶУҒРОФӢ** جغرافی *мансуб ба* **ҷуғрофия: мавқеи ҷуғрофӣ, харитаи ҷуғрофӣ.**

**ҶУД** *а.* جود ҷавонмардӣ, саховат, бахшиш, эҳсон.

**ҶУДО** I جدا 1. фосиладор, дур аз ҳам, алоҳида, канда. 2. буридашуда аз чизе, қатъшуда. 3. танҳо; **ҷудо будан** ба таври алоҳида воқеъ будан, дур будан, танҳо будан; **ҷудо гардидан (гаштан)** а) дур шудан, канда шудан; б) маҳрум гаштан; **ҷудо кардан** а) дур кардан, алоҳида карда мондан, сиво кардан; б) буридан, аз ҳам фосиладор гардонидан; в) махсус гардонидан, таъйин кардан; г) интихоб кардан, хоста сара карда гирифтан; ғ) аз ҳам дур гардонидан, маҳрум намудан; д) фарқ кардан, фарқ кунондан, мумтоз ва мушаххас гардонидан; **аз ҳам ҷудо кардан** аз ҳамдигар дур кардан, ба байни ду кас ҷудоӣ андохтан; **ҷудо мондан** дур мондан, канда шуда мондан, танҳо мондан; **ҷудо шудан** а) канда шудан, гусистан, қатъ гардидан, дур афтодан; б) дур афтодан; в) тақсим шудан, аз ҳам бурида шудан; **ҷудо шудан аз зани худ (ё аз шавҳари худ)** якҷоя зиндагӣ накардан бо зани худ (бо шавҳари худ), талоқ додан зани худро (баромадан аз шавҳари худ); **ҷудо шудан** *аз касе, аз чизе* маҳрум шудан аз касе, чизе, гум кардан касеро, чизеро; **ҷудо шуда истодан** фарқ кардан (*ду чиз аз ҳамдигар*), имтиёз доштан нисбат ба дигаре; **ҷудо-ҷудо** алоҳида-алоҳида, ба таври алоҳида.

**ҶУДО** II جدا *гуфт.* хеле, бисёр, бисёр ҳам, хусусан, аз ҳад зиёд.

**ҶУДОГАШТА** جداگشته аз ҳамдигар ҷудо шуда.

**ҶУДОГӢ** جداگی *шакли нодурусти* **ҷудоӣ.**

**ҶУДОГОНА** جداگانه 1. алоҳида, дигар-дигар. 2. фарққунанда, дигаргун, махсус, хос; **хислатҳои ҷудогона; ҷудогона-ҷудогона** алоҳида-алоҳида, ҷудо-ҷудо, ба таври алоҳида.

**ҶУДОГОНАГӢ** جداگانگی дар ҳолати аз ҳам ҷудо ва алоҳида будан, алоҳидагӣ, фарқ.

**ҶУДОИАНДОЗӢ** جدائی‌اندازی тафриқа андохтан, доштани хоҳиши аз ҳам ҷудо кардан: **сиёсати ҷудоиандозӣ**.

**ҶУДОӢ** جدائی 1. ҷудо будан, аз ҳам канда ва дур будан; **ҷудоӣ аз хешон**. 2. дурӣ, фироқ, ҳаҷр; **алами ҷудоӣ ва сӯзи фироқ**. 3. фарқ, тафовут.

**ҶУДОКУНАК** جداکنک 1. асбоби рӯзгор аст, ки барои ҷудо кардани шир ба равған, дӯғ *ва г.* ба кор бурда мешавад. 2. *барқ.* қатъкунак.

**ҶУДОКУНАНДА** جداکننده 1. он ки ва он чи чи-

зеро аз чизе ҷудо мекунад; **хати ҷудокунанда**. 2. фарқкунанда: **аломати ҷудокунанда**.

**ҶУДОНАШАВАНДА** جدانشونده тафриқанопазир, он чи ҷудо намешавад: **қисми ҷудонашаванда**.

**ҶУДОНАШАВАНДАГӢ** جدانشوندگی хосияти ҷудонашаванда.

**ҶУДОНОШУДАНӢ** جداناشدنی ҷудонашаванда.

**ҶУДОШАВАНДА** جداشونده он ки ва он чи ҷудо мешавад, тақсимшаванда.

**ҶУДОШУДА** جداشده 1. кандашуда, буридашуда (аз чизе). 2. маҳрумшуда, дуршуда.

**ҶУЗ** جز *калимаи истисно* ба ғайр аз, ғайр аз, ғайри..., ғайр; ба истиснои; магар; **ба ҷуз** ғайр аз, ғайри….

**ҶУЗВ//ҶУЗЪ** *а.* جزو//جزء дастае аз коғази навишташуда ё китоби нашршуда: **ҷузъи таълифӣ, ҷузви чопӣ**.

**ҶУЗВБАНД//ҶУЗЪБАНД** جزوبند//جزءبند касе, ки ҷузвҳои китобро ба ҳам дӯхта барои муқова тайёр мекунад, саҳифабанд.

**ҶУЗВБАНДӢ//ҶУЗЪБАНДӢ** جزوبندی//جزءبندی ҷузвҳои китобро барои муқова ба ҳам дӯхтан: **ҷузъбандӣ кардан**.

**ҶУЗВАДОН** جزوه‌دان *ниг.* **ҷузвдон**.

**ҶУЗВГИР//ҶУЗЪГИР** جزوگیر//جزءگیر *ниг.* **ҷузвдон**.

**ҶУЗВДОН** جزودان//جزءدان ҷилди картонӣ ё чармин барои нигоҳ доштани коғазҳо.

**ҶУЗВИЁТ** *а.* جزویات *ниг.* **ҷузъиёт**.

**ҶУЗВӢ** جزوی *ниг.* **ҷузъӣ**.

**ҶУЗҒУН** جزغون *бот.* як навъ растании пӯстлохи сафед дошта.

**ҶУЗОМ** *а.* جذام *кҳн., тиб.* бемории махав, хӯра.

**ҶУЗЪ** *а.* جزء 1. пораи чизе, ҳисса, қисм; *муқоб.* **кул(л)**. 2. *ниг.* **ҷузв**.

**ҶУЗЪАН** *а.* جزءاً як қисм, порае аз…

**ҶУЗЪБАНД** جزءبند *ниг.* **ҷузвбанд**.

**ҶУЗЪБАНДӢ** جزءبندی *ниг.* **ҷузвбандӣ**.

**ҶУЗЪИЁТ** *а.* جزئیات *ҷ.* **ҷузъӣ**; 1. чизҳои ҷузъӣ, чизҳои хурд ва андак. 2. тафсил, тафсилот, баёни ҳама қисмҳои матлабе. 3. *кҳн.* шеър ва адабиёт (*дар истилоҳи мадрасаҳои Бухоро*).

**ҶУЗЪИЁТБАЁНӢ** جزئیات‌بیانی ҷузъ ба ҷузъ, қисм ба қисм ва нукта ба нукта гуфта додан; ба тафсил нақл кардан.

**ҶУЗЪӢ** جزئی 1. *мансуб ба* **ҷузъ**. 2. қисм, ҳисса, пора, майда, хурд, қисми ғайри асосӣ; *муқоб.* **куллӣ**; **кори ҷузъӣ, қисми ҷузъӣ, ҷузъӣ ва куллӣ; маслиҳатҳои ҷузъӣ** маслиҳатҳои оид ба майда-чуйдаҳои масъалае; **масъалаҳои ҷузъӣ** масъалаҳои ғайриасосӣ.

**ҶУЛ(Л)** *а.* جل болопӯши аспу хар *ва г.*; **ҷулу ҷиҳоз (ҷағоз)** а) афсори асп, шутур *ва г.*; б) чизу чора, лахту лухт, чизҳои майда-чуйда; **ҷулу пӯстак** лоқу пар, чизҳои майда-чуйда.

**ҶУЛАСО** *а.* جلسا *ҷ.* **ҷалис**.

**ҶУЛБОН** جلبان *бот.* як навъ гиёҳи яксола ё бисёрсола аз оилаи лӯбиёиҳо.

**ҶУЛҒУНДӢ** جلغندی аловмон, гулахӣ, оташмон, хидматрасони ҳаммом бо либосҳои пора–пора ва сиёҳи равғанмонанд.

**ҶУЛДУ** *м.* جلدو инъом, бахшиш.

**ҶУЛДУРПӮШ** جلدرپوش *гуфт.* жандапӯш, либосаш дарида.

**ҶУЛЛА** جلّه навъе аз занбӯруғ.

**ҶУЛ(Л)ОБ** جلاب шарбати қанд, ки бо гулоб омехтаанд ва хосияти доруӣ дорад.

**ҶУЛУС** *а.* جلوس *кҳн.* 1. нишастан. 2. бар тахти подшоҳӣ нишастан, ибтидои подшоҳии касе; **ҷулус кардан** бар тахти подшоҳӣ нишастан, подшоҳ шудан.

**ҶУЛҲУНДИПӮШ** جلهندی‌پوش *гуфт.* даридалибос, жандапӯш, либосҳояш даридаи чиркин.

**ҶУЛҲУНДӢ** جلهندی *гуфт.* дарида, ҷиғда-ҷиғда, тикка-тикка (либос).

**ҶУЛҶУЛ** *а.* جلجل 1. зангӯлаи хурд, ки ба доираву нақора ё гардани ҳайвонот мебанданд. 2. доира, даф.

**ҶУМАК** جمک нӯли чойник, офтоба, лӯлаи об *ва г.*

**ҶУМАКШИКАСТА** جمک‌شکسته нулаш шикаста (*мас.*, *чойник*).

**ҶУМАЛ** *а.* جمل *ниг.* **абҷад**.

**ҶУМБИДАН** جمبیدن *шакли гуфтугӯии* **ҷунбидан**.

**ҶУМЛА** *а.* جمله 1. ҳама, ҳамагӣ; **ҷумлаи**... ҳамаи..., тамоми.... 2. гурӯҳ, тӯда, доира; **аз ҷумла** аз ин гурӯҳ, аз ин ҳисоб, дар он миён; **аз ҷумлаи**... а) аз гурӯҳи..., аз қабили…; **бар ҷумлаи**... ба ҳамаи...; **аз ин (он) ҷумла** аз ин ҳисоб, инчунин. 3. *грам.* як калима ё якчанд калимаи аз ҷиҳати грамматикӣ ва овоӣ муташаккил, ки як фикри томро ифода мекунад: **ҷумлаи сода, ҷумлаи мураккаб, ҷумлаи хабарӣ, ҷумлаи саволӣ, ҷумлаи хитобӣ, ҷумлаи пайрав; ҷумла-ҷумла** бо ҷумлаҳои алоҳида, қисм-қисм.

**ҶУМЛАБАНДӢ** جمله‌بندی 1. *грам.* сохти ҷумла. 2. тарзи гуфтор, шакли ифодаи фикр.

**ҶУМЛАГӢ** جملگی ҳамагӣ, ҳама, тамом, тамомӣ.

**ҶУМЛАПАРДОЗ** جمله‌پرداز 1. он ки фикрашро хуб ифода мекунад, суханпардоз. 2. устоди сухан, суханвар.

**ҶУМЛАСОЗӢ** جمله‌سازی *ниг.* **ҷумлабандӣ**.

**ҶУММАК** جمّک *ниг.* **ҷумак**.

**ҶУМОДЕУЛАВВАЛ** جمادی‌الاوّل номи моҳи панҷуми солшумории қамарии мусулмонӣ, ҷамодиулаввал.

**ҶУМОДЕУЛОХИР** جمادی‌الآخر номи моҳи шашуми солшумории қамарии мусулмонӣ, ҷамодиулохир.

**ҶУМОДЕУУСОНӢ** جمادی‌الثانی *ниг.* **ҷумодеулохир**.

**ҶУМҲУД** *а.* جمهود *кит.* яхбандӣ.

**ҶУМҲУР** *а.* جمهور гурӯҳи мардум, ҳама.

**ҶУМҲУРИХОҲ** جمهوری‌خواه тарафдори давлатдории ҷумҳуриявӣ.

**ҶУМҲУРИЯВӢ** جمهوریوی *мансуб ба* **ҷумҳурӣ**: **рӯзномаи ҷумҳуриявӣ**.

**ҶУМҲУРИЯТ** جمهوریت *ниг.* **ҷумҳурӣ**.

**ҶУМҲУРӢ** جمهوری 1. кишвар ё давлате, ки роҳбари аввали вай интихобист; **Ҷумҳурии Тоҷикистон**. 2. саросарӣ, умумиҷумҳурӣ ҷумҳуриявӣ: **Кумитаи ҷумҳурии истилоҳот**.

**ҶУМҶУМА** جمجمه *кит.* косахонаи сар.

**ҶУМҶУМАМОҲӢ** جمجمه‌ماهی *зоол.* як навъи моҳӣ.

**ҶУМЪА** *а.* جمعه номи як рӯзи ҳафта, ки баъди панҷшанбе ва пеш аз шанбе меояд, рӯзи одина; **намози ҷумъа** *д.* намозе, ки рӯзи ҷумъа хонда мешавад.

**ҶУМЪАБОЗОР** جمعه‌بازار бозоре, ки танҳо рӯзҳои ҷумъа баргузор мешавад.

**ҶУМЪАХОНӢ** جمعه‌خوانی *д.* хондани намози ҷумъа.

**ҶУНБАНДА** جنبنده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **ҷунбидан.** 2. ҳаракаткунанда, ҷондор.

**ҶУНБИДАН** جنبیدن 1. ҳаракат кардан, ба ҳаракат даромадан. 2. рафтан, аз ҷое ба ҷое рафтан. 3. *маҷ.* кор кардан, ба кор машғул шудан; **ёрои (мадори) ҷунбидан надоштан** беқувват будан, беҳолу бемадор будан.

**ҶУНБИШ** جنبش 1. ҳаракат, аз ҷое ба ҷое шудан, ҷунбидан, ба ҳаракат даромадан: **ҷунбиши одам, ҷунбиши шохҳои дарахт**. 2. *маҷ.* кор, шуғл; **ҷунбиши рӯзгор**; **ҷунбиш додан** ҷунбонидан, ҳаракат додан; **ҷунбиш кардан** ба ҳаракат даромадан; **ҷунбиш хӯрдан** (якбора) ҳаракат кардан, ҷунбидан; **ба ҷунбиш даромадан** а) ба ҳаракат даромадан, ҳаракат кардан; б) қувват гирифтан; **ба ҷунбиш овардан** ба ҳаракат даровардан; **ба ҷунбиш омадан** ба ҳаракат даромадан.

**ҶУНБОН** جنبان *ниг.* **ҷунбонак**.

**ҶУНБОНАК** جنبانک ҷунбанда, ноустувор, лиқҷонак: **дандони ҷунбонак, ҷунбонак шудан**.

**ҶУНБОН(И)ДАН** جنباندن//جنبانیدن 1. чизеро ба ҷунбиш даровардан, чизеро ба ҳаракат даровардан (андохтан); **ҷунбондани шоху баргҳои дарахтон**. 2. чизеро ин тарафу он тараф рост кардан; **гаҳвора ҷунбондан; китф ҷунбондан** изҳори тааҷҷуб кардан; **лаб ҷунбондан** оҳиста чизе гуфтан; **сар ҷунбондан** а) салом додан; б) бо ҳамин ишора чизеро тасдиқ кардан; в) изҳори норизогӣ ё сарзаниш кардан.

**ҶУНБОНИШ** جنبانش *ниг.* **ҷунбонидан**.

**ҶУНБУҶӮЛ** جنب‌وجول дар ҷунбиш будан, ба

коре машғул шуда истодан, дар ҳаракат будан: **ҷунбуҷӯл доштан: ҷунбуҷӯл кардан: дар ҷунбуҷӯл будан**.

**ҶУНГ** جنگ *кҳн.* дафтаре, ки ба он ашъори шоирон навишта шудааст, баёз.

**ҶУНД** *а.* جند лашкар, сипоҳ, қӯшун.

**ҶУНУБ** *а.* جنوب *д.* он ки баъд аз муомилаи заношӯӣ ғусл накарда бошад, касиф, нопок.

**ҶУНУД** *а.* جنود *ҷ.* **ҷунд**.

**ҶУНУН** *а.* جنون ҷиннигӣ, девонагӣ.

**ҶУНУНДОР** جنوندار девонаавзоъ, ҷиннифеъл, девона.

**ҶУНУНКАДА** جنونکده ҷиннихона; **ин ҷунункада** *киноя аз* дунё.

**ҶУНУНМИЗОҶ** جنونمزاج девонамизоҷ, девонатабъ, девонаавзоъ.

**ҶУНУНОВАР** جنونآور амал ё маводе, ки ба девонагӣ бурда мерасонад.

**ҶУНУНОМЕЗ** جنونآمیز *ниг.* **ҷунуновар.**

**ҶУР** جر *гуфт.* навъ, хел, қисм.

**ҶУРГА//ҶИРГА//ҶАРГА** *т.* جرگه 1. ҳалқа задан, давра кашидан, ҳалқавор қатор шудани мардум; давра задани мардум барои дар миёна гирифтани сайд. 2. анҷуман, анҷуманорӣ: **ҷиргаи қабоили Афғонистон**.

**ҶУРҒОТ** جرغات шири туршонидашуда, ки баъди таровиши обаш чакка мешавад; **ҷурғот хобондан; ба ҳар ош ҷурғот шудан** гунаи дигари **ба ҳар ош қатиқ шудан**.

**ҶУРҒОТАК** جرغاتک *бот.* яке аз гулҳои ҷурғотак.

**ҶУРҒОТИН** جرغاتین *ниг.* **ҷурғотӣ**.

**ҶУРҒОТӢ** جرغاتی *мансуб ба* **ҷурғот**; ҷурғот ҳамроҳшуда, ҷурғот рехташуда (*мас.*, *ягон хели хӯрок*).

**ҶУРМ** *а.* جرم гуноҳ, айб; **ҷурм доштан** гуноҳ доштан, гунаҳгор будан.

**ҶУРМОНА** جرمانه *ниг.* **ҷарима**.

**ҶУРМШИНОС** جرمشناس *ҳуқ.* мутахассиси соҳаи корҳои ҷиноятӣ.

**ҶУРМШИНОСӢ** جرمشناسی *ҳуқ.* илмест, ки воситаву василаҳои махсуси ҷамъ кардан, тадқиқ ва муайян намудани далелҳои судиро таъйин мекунад.

**ҶУРЪА** *а.* جرعه миқдори як дам кашиданӣ аз ҳар як чизи нӯшиданӣ; миқдори андак аз ҳар чизи нӯшиданбоб, як қулт: **ҷуръаи об, як ҷуръа май, як ҷуръа чой**.

**ҶУРЪАДОН** جرعهدان *кит.* зарфи шароб, қадаҳи шароб, шаробдон.

**ҶУРЪАКАШ** جرعهکش соқӣ, бодарез.

**ҶУРЪАНӮШ** جرعهنوش шаробхӯр, майнӯш, майхӯр.

**ҶУРЪАРЕЗ** جرعهریز 1. пиёлаи майхӯрӣ. 2. соқӣ.

**ҶУРЪАТ** *а.* جرئت//جرأت ҷасорат, далерӣ, нотарсӣ; **ҷуръат додан** ҷасорату далерӣ бахшидан; **ҷуръат доштан** ҷасорат доштан, натарсидан, тарс надоштан; **ҷуръат кардан** натарсида кореро иҷро кардан, ҷасорат нишон додан; **ҷуръат пайдо кардан** ҷасорат ёфтан, натарсидан дар иҷрои коре.

**ҶУРЪАТНОК** جرئتناک соҳибҷасорат, нотарс, ҷасур, далер.

**ҶУРЪАТТАЛАБ** جرئتطلب ягон коре, ки иҷрояш ҷуръат металабад.

**ҶУССА** جثّه бадан, тан, пайкар, ҷасад: **ҷуссаи бузург, ҷуссаи лоғар, ҷуссаи назарногир**.

**ҶУССАДОР** جثّهدار паҳлавонҷусса, қавиҳайкал, бузургҷусса.

**ҶУССАКАЛОН** جثّهکلان *ниг.* **ҷуссадор**.

**ҶУСТАН** جستن 1. ҷӯёи чизе шудан, кофтан, ҷустуҷӯ кардан: **баҳона ҷустан, даво ҷустан, чора ҷустан, фурсат ҷустан**. 2. хостан, пурсидан: **мадад ҷустан, маслиҳат ҷустан**.

**ҶУСТОР** جستار *кит.* ҷустуҷӯ, кофтуков, пурсуков.

**ҶУСТУҶӮ(Й)** جستجو(ی) 1. кофтуков; **ба ҷустуҷӯи...** ба кофтукови...; **бо ҷустуҷӯй...** бо кофтуков, бо пурсуҷӯ, бо пурсиш. 2. пурсуҷӯй, пурсиш: **ҷустуҷӯ кардан, дар ҷустуҷӯ афтодан**. 3. талаб, хост; **дар ҷустуҷӯи** *чизе* дар талаби чизе, барои чизе.

**ҶУСТУҶӮКУНАНДА** جستجوکننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **ҷустуҷӯ кардан**. 2. он

ки ҷустуҷӯ мекунад, ҷӯянда.

**ҶУТ** جوت *бот.* як навъ гиёҳи тордорест, ки аз лифи вай матоъҳои дағал ва арғамчин бофта мешавад.

**ҶУФТ** جفت 1. ду дона аз як чиз, ҳар чизи дугона аз қабили пойафзор, либосворӣ *ва г.*; **як ҷуфт кафш (мӯза), як ҷуфт куртаю эзор, як ҷуфт гӯшвора**. 2. ду барзагов, ки барои шудгор кардани замин ба юғ баста мешавад: **ҷуфти гов: як ҷуфт барзагов; ҷуфт бастан** говҳоро ба юғ бастан; **ҷуфт рондан** бо ҷуфт замин шудгор кардан. 3. нару модаи ҳар чиз. 4. ҳамсар, ҳамболин, зану шӯй; **сари** *касеро* **ҷуфт кардан** хонадор кардан касеро, зандор ё шавҳардор кардан касеро. 5. ҳамроҳ, шарик; **ҷуфт гаштан (гардидан)** бо чизе ҳамроҳи чизе шудан. 6. рақами ҷуфт, шумори ба ду бе каср тақсимшаванда; *муқоб.* **тоқ**: **адади ҷуфт, рақами ҷуфт; ҷуфт-ҷуфт** дутоӣ, дуто-дуто.

**ҶУФТА** جفته ҷуфтак, лагад; **ҷуфта задан** ҷуфтак задан, бо ду пои ақиб баробар лагад задан.

**ҶУФТАК** جفتک 1. лагадзанӣ бо ҳар ду пой. 2. ба ҳеҷ чиз нигоҳ накарда гурехтан; **ҷуфтак задан** а) лагад задан; б) якбора ва бо ҷаҳидан гурехтан.

**ҶУФТАКЗАНОН** جفتکزنان лагадзанон.

**ҶУФТАН** جفتن 1. ҷуфт–ҷуфт мувофиқ шудан. 2. як чизро ба ду қисми баробар тақсим карда болои ҳам гузоштан.

**ҶУФТАНГУШТ** جفتانگشت пои баъзе аз парандаҳо, ки ду ангушт доранд (*мас.*, *шутурмург*).

**ҶУФТБАНД** جفتبند абзоре, ки аз ду ҳалқа ва занҷирае барои бастани чорпоён (аспу хар, гов…) дар тавила ва ё ҷои дигар иборат аст.

**ҶУФТБАРОРОН** جفتبراران маъракаи ҷуфт баровардан дар оғози киштукор.

**ҶУФТБОШӢ** جفتباشی *таър.* дар гузашта як навъ андоз буд аз сари ҳар як чорпо.

**ҶУФТГАР** جفتگر он ки заминро бо барзагов шудгор мекунад.

**ҶУФТГАРӢ** جفتگری амали ҷуфтгар.

**ҶУФТӢ** جفتی якҷо шудан, ҳамроҳ шудан, наздик шудан (нар ва мода); **ҷуфтӣ кунондан** наздик кунондан барои наслгирӣ.

**ҶУФТОНА** جفتانه *ниг.* **ҷуфтбошӣ**.

**ҶУФТРАНДА** جفترنده рандаи хурде, ки барои суфта кардан истифода мешавад.

**ҶУФТРОН** جفتران он ки ҷуфт меронад, он ки бо ҷуфт замин шудгор мекунад.

**ҶУФТРОНӢ** جفترانی ҷуфт рондан, замин рондан, шудгор кардан: **вақти ҷуфтронӣ, ҷуфтронӣ кардан**.

**ҶУФТСУМ** جفتسم баъзе аз ҳайвоноте, ки суми пояшон ба ду қисми баробар тақсим шудааст (*аз қабили* гов, буз *ва г.*).

**ҶУФТСУМОН** جفتسمان чорпоёне, ки суми ҷуфт доранд (гов, гӯсфанд).

**ҶУҲАЛО** *а.* جهلا *ҷ.* **ҷоҳил**.

**ҶУҲҲОЛ** *а.* جهّال *ҷ.* **ҷоҳил**.

**ҷӯ(й)** (جو(ی 1. *асоси замони ҳозира аз* **ҷустан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* ҷӯянда, ҷустуҷӯкунанда: **савобҷӯй, баҳонаҷӯй, донишҷӯ…**

**ҶӮ** جو *ниг.* **ҷӯй**.

**ҶӮБОР** جوبار *ниг.* **ҷӯйбор**.

**ҶӮГАК//ҶӮКАК** جوگک//جوکک ҷӯҷа; мурғаки бисёр майда; гунҷишк.

**ҶӮГИХОНА** جوگیخانه ҷои зисти ҷӯгиҳо, маҳалли ҷӯгиҳо.

**ҶӮГӢ** جوگی лӯлӣ, аз қавми лӯлӣ.

**ҶӮЁ** جویا ҷӯянда, кобанда, пурсуҷӯкунанда; **ҷӯё будан** дар ҷустуҷӯи чизе будан; **ҷӯё шудан** а) кофтан, кофтуков кардан; б) пурсон шудан, пурсидан, пурсиш кардан; **ҷӯёи ҳолу аҳвол шудан** ҳолу аҳвол пурсидан.

**ҶӮЁН** جویان 1. ҷӯянда, кофтуковкунанда; таламбанда; **ҷӯён шудан** кофтуков кардан, пурсуҷӯ кардан. 2. дар ҳолати ҷустан.

**ҶӮЙ** جوی замини (роҳи) ба дарозӣ кандашуда (ба таври табиӣ кофта), ки дар он об ҷорӣ мешавад, наҳри хурд: **ҷӯи обёрӣ, ҷӯи равон, ҷӯй кандан, ҷӯй кофтан, ҷӯй баровардан.**

**ҶӮЙБОР** جویبار 1. ҷои ҷӯяш бисёр. 2. ҷӯи калон, анҳор, ки ҷӯйҳои дигар аз он об мегиранд; **ба ҷӯйбори** *касе* **об омадан** *маҷ.* ханди-

дани бахт ба рӯи касе, омад кардани кори касе.

**ҶӮЙБОРӢ** جویباری *мансуб ба* **ҷӯйбор**.

**ҶӮЙБОРКАНӢ** جویبارکنی кандани маҷрои ҷӯи нав.

**ҶӮЙБОРТОЗАКУНӢ** جویبارتازه‌کنی одатан дар баҳорон ҷӯйборонро аз сангу гил тоза кардан.

**ҶӮЙКАН** جوی‌کن он ки ҷӯй меканад, ҷӯйков.

**ҶӮЙКАНӢ** جوی‌کنی ҷӯй кандан, ҷӯй кофтан.

**ҶӮЙКОВ** جویکاو касе ки ҷӯй меканад, ҷӯйкан.

**ҶӮЙКОВӢ** جویکاوی ҷӯй кофтан, ҷӯйканӣ.

**ҶӮЙТОЗАКУНӢ** جوی‌تازه‌کنی ҷӯйро кофта аз лойқа тоза кардан.

**ҶӮЙЧА** جویچه ҷӯи хурд.

**ҶӮЙЧАБОЗӢ** جویچه‌بازی ҷӯйча канда бозӣ кардани кӯдакон дар ҷои сероб.

**ҶӮЛ** جول **:ҷӯлу пӯстак** чизу чора; майда чуйда, кӯрпаву болишт, ҷул.

**ҶӮЛИДА** جولیده 1. парешон, ба ҳам омехта, печу тобхӯрда (*сифати мӯй*) (*дурусташ жӯлида*). 2. касе ё чизе, ки ба ягон чизи чиркин олуда бошад: **ба лой ҷӯлида; ба хок ҷӯлида**.

**ҶӮЛИДАМӮ(Й)** جولیده‌مو(ی) дорои мӯйи парешону ба ҳампечида.

**ҶӮЛИДАН** جولیدن олуда шудан, оғуштаи чизе шудан, ба ҳам печидан.

**ҶӮЛОН(И)ДАН** جولاندن//جولانیدن *шакли бавоситаи* **ҷӯлидан**; олуда кардан, оғуштаи чизе кардан: **ба хок ҷӯлондан**.

**ҶӮЛОҲ(А)** جولاه//جولاهه *кҳн.* 1. бофанда. 2. тортанак.

**ҶӮЛОҲАК** جولاهک 1. *шакли тасғири* **ҷӯлоҳ**, бофанда. 2. тортанак, анкабут.

**ҶӮР** I جور 1. мувофиқ, мутобиқ, ҳамовоз, ҳамоҳанг (будани чизе ба чизе); **бо ҷӯр** бо як овоз, бо як оҳанг, бо ҳамовозӣ; **ҷӯр гардидан** ҷӯр шудан; ҷӯр кардан ҳамоҳанг кардан, ҳамовоз намудан (чизеро бо чизи дигар, *мас.*, *оҳангро ё ягон асбоби мусиқӣ*), бо ҳам мутобиқ гардонидан; **ҷӯр шудан** а) ҳамоҳанг гаштан, мувофиқ шудан ба оҳанг ё овози чизи дигар; б) *маҷ.* ҳамроҳ шудан, дӯст гардидан. 2. хушвақт ва тандуруст (будани касе).

**ҶӮР** II جور *зоол.* як навъ парандаест булбулмонанд аз гурӯҳи гунҷишкон.

**ҶӮРА** جوره дӯст, рафиқ, ошно: **ҷӯраи қарин, ҷӯраи ҷонӣ, ду ҷӯра, ҷӯраи обногузар** *гуфт.* рафиқи хеле наздик; **ҷӯра шудан** дӯст гаштан (бо якдигар). 2. ду порчаи як матоъ, ки як либосворӣ мешавад: **як ҷӯра алоча, як ҷӯра беқасаб**.

**ҶӮРАБОЗ** جوره‌باز шахсе, ки бо дигарон ҷӯрагӣ мекунад, касе ки ошнои бисёр дошта вақташро бештар бо онҳо мегузаронад.

**ҶӮРАБОЗӢ** جوره‌بازی 1. муносибати ҷӯрагии ҳамсолон, бо айшу ишрат вақтгузаронии мардони ҳамсол. 2. *маҷ.* дар коре риояи хотири ҷӯраи худро кардан.

**ҶӮРАГӢ** جورگی дӯстӣ, рафоқат, ошноӣ; **ҷӯрагӣ кардан** дӯстӣ доштан.

**ҶӮРАҚАНДӢ** جوره‌قندی яке аз навъҳои харбуза: **харбузаи ҷӯрақандӣ**.

**ҶӮРКУНАНДА** جوره‌کننده он ки асбобҳои мусиқиро мувофиқи қоидаи мусиқӣ ҷӯр мекунад.

**ҶӮРОБ** جوراب пайпоқи пахтагин ё синтетикӣ.

**ҶӮРОББОФ** جوراب‌باف он ки ҷӯроб мебофад, бофандаи ҷӯроб.

**ҶӮРОББОФӢ** جوراب‌بافی ҷӯроб бофтан, ҷӯроб тайёр кардан: **дастгоҳи ҷӯроббофӣ, коргоҳи ҷӯроббофӣ**.

**ҶӮРТАКИГӮЙ** جورتکی‌گوی *шева.* чизеро барқасд гӯянда, ба тарзи ҳазл суханкунанда.

**ҶӮРХОНӢ** جورخوانی ҷӯр шуда хондан, ҳамоҳанг шуда хондан, хор.

**ҶӮУЛБАҚАР** *а.* جوع البقر *ниг.* **ҷӯулкалб**.

**ҶӮУЛКАЛБ** *а.* جوع‌الکلب бемории пурхӯрӣ, ки гирифтори ин бемор бо хӯрдан сер намешавад.

**ҶӮРШАВАНДА** جورشونده он ки ва он чи ҷӯр мешавад, ҳамоҳангшаванда.

**ҶӮҶА** جوجه ҷӯҷа, бачаи мурғ, бачаи парандагон: **ҷӯҷа баровардан, ҷӯҷа хобондан**.

**ҶӮҶАБАРОРАК** جوجه‌بزارک *гуфт.* инкубатор.

**ҶӮҶАБАРОРӢ** جوجه‌براری баровардани ҷӯҷа нисбат ба замон ё макон: **давраи ҷӯҷабарорӣ, мошини ҷӯҷабарорӣ**.

**ҷӯш** جوش *асоси замони ҳозира аз* **ҷӯшидан**.

**ҶӮШ** I جوش 1. ҷӯшидани об ва моеоти дигар бо таъсири оташ, ҳар чизи гарм ва тафсон; **оби ҷӯш; дар ҷӯш будан** дар ҳолати ҷӯшиш будан, ҷӯшида истодан. 2. хурӯш, туғён, шӯр, ғалаён; **ҷангу ҷӯш** ҷанг дар ҳолати ғалаёни ҳиссиёт; **ҷангу ҷӯшу ғавғо** ғалаён, талотум. 3. *маҷ.* ғазаб, қаҳр, хашм. 4. *маҷ.* гармогармӣ, тафс, авҷ; **дар вақти ҷӯши кор**; **ҷӯшу хурӯш** а) шӯру ғавғо; б) шавқу ҳаяҷон; в) гармогармӣ, авҷ, равнақ; **ҷӯш задан** а) фаввора задан, ҷӯшида баромадан; б) туғён кардан, бо туғён ҷорӣ шудан; **дар ҷӯш будани дарё**; в) ба ҳаяҷон омадан; г) авҷ кардан, дар равнақ будан; **аз ҷӯш мондан** а) аз ҷӯшидан мондан, хунук шудан; б) аз авҷ фаромадан, гармиашро гум кардан; **ба ҷӯш даромадан** ба ҷунбишу ҳаракат омадан; **ба ҷӯш овардан** ба ҷӯшиш даровардан, ба шӯру ҳаяҷон овардан; **ба ҷӯш омадан** а) ҷӯшидан, ҷӯшиш кардан, туғён кардан; б) ба шӯру ҳаяҷон омадан; **ба ҷӯшу хурӯш овардан** ба ҷунбишу ҳаяҷон даровардан, ба шавқу завқ даровардан.

**ҶӮШ** II جوش пайвастан (*ду филизро ба воситаи ҷӯшдиҳӣ*); **ҷӯш додан** ба ҳам пайвастани ду чизи филизӣ, кафшер кардан.

**ҶӮША** I جوشه ранги сурхи шингарфӣ барои ранг кардани чизҳои моеъ.

**ҶӮША** II جوشه ҷои нав кафшершуда.

**ҶӮШАГАРӢ** جوشه‌گری ба ҳам васл – кафшер кардани филизҳо ба воситаи ҷӯшдиҳӣ.

**ҶӮШАНДА** جوشنده чизе ки меҷӯшад, туғёнкунанда; **дарёи ҷӯшанда.**

**ҶӮШЗАНОН** جوشزنان *феъли ҳол аз* **ҷӯш задан**; дар ҳолати ҷӯш задан.

**ҶӮШИДАН** I جوشیدن 1. ба ҷӯш омадани об ё моеи дигар бо таъсири оташ ё ҳарорати дигар. 2. фаввора зада баромадани об ва чизҳои обакии дигар аз зери замин. 3. ба сабаби дер истодан дар ҳолати табиӣ туршида ба ҳаракат омадани моеот: **ҷӯшидани сирко, шароб, ҷурғот** *ва г.*. 4. *маҷ.* дамидан, туғён кардан, ба талотум даромадан, хурӯшидан. 5. *маҷ.* ба ҳаяҷон омадан, ба изтироб омадан, дар ғазаб шудан. 6. *маҷ.* равнақу ривоҷ ёфтан, бо авҷу суръат пеш рафтан. 7. *маҷ.* ба шавқ омадан, саъю кӯшиши зиёд пайдо кардан; **деги касе ҷӯшидан** кори касе омад кардан, даромад ва маишати хуб доштан.

**ҶӮШИДАН** II جوشیدن *гуфт.* дӯшида гирифтани шири гов, буз, гӯсфанд *ва г.*: **гов ҷӯшидан, шир ҷӯшидан**.

**ҶӮШИШ** جوشش 1. ҷӯшидани об ва чизҳои дигари обакӣ бо таъсири оташ ва ҳарорати дигар. 2. фаввора зада баромадани об. 3. *маҷ.* гармӣ, авҷ, болоравӣ, равнақ. 4. *маҷ.* ҳаяҷон, изтироб. 5. *маҷ.* саъй, кӯшиш. 6. *маҷ.* шиддат, бисёрӣ. 7. дар ҳолати табиӣ туршида дамидани моеот: **ҷӯшиши сирко, ҷӯшиши шароб**.

**ҶӮШОӢ** جوشائی *гуфт.* дӯшоӣ, ширдиҳанда, дӯшидашаванда: **гови ҷӯшоӣ**.

**ҶӮШОН** جوشان 1. ҷӯшанда, дар ҳолати ҷӯшидан: **деги ҷӯшон**. 2. гарм, тафсон: **оби ҷӯшон, чойи ҷӯшон.** 3. пуртуғён, пурталотум; **дарёи ҷӯшон**. 4. фавворазананда: **чашмаи ҷӯшон.** 5. дар изтиробу ҳаяҷон, пурҷӯшу хурӯш: **дили ҷӯшон; гарму ҷӯшон** пурҳарорат; **пурсупоси гарму ҷӯшон** пурсупоси самимӣ, аз таҳти дил, бо ҷӯшу хурӯш; **саломи гарму ҷӯшон, суханронии гарму ҷӯшон**.

**ҶӮШОНДА** جوشانده 1. ҷӯшонидашуда: **оби ҷӯшонда**. 2. пухташуда дар об: **тухми ҷӯшонда**.

**ҶӮШОН(И)ДАН** جوشاندن//جوشانیدن 1. об ё моеоти дигарро ба воситаи оташ ё ҳарорати дигар ба ҷӯш овардан; об ҷӯшон(и)дан: **шир ҷӯшондан**, *чизеро* **ҷӯшондан.** 2. чизеро дар об ҷӯшонда пухтан: **тухм ҷӯшондан, картошка ҷӯшондан, нахӯд ҷӯшондан**.

**ҶӮШОНДАШУДА** جوشانده‌شده *ниг.* **ҷӯшонда**.

**ҶӮЪ** *а.* جوع *кит.* гуруснагӣ.

**ҶӮЯ-ҶӮЯ** جویه‌جویه *ниг.* **ҷӯяк.**

**ҶӮЯ//ҶӮЯК** جویه//جویک ҷӯйчаҳои майдони кишт, ки барои обёрӣ кашида мешаванд, хатак: **ҷӯяки пахта, ҷӯяки харбуза, ҷӯяк кашидан; ҷӯя-ҷӯя** *ниг.* **ҷӯяк (ҷӯяк–ҷӯяк).**

**ҶӮЯК** جویک *ниг.* **ҷӯя**.

**ҶӮЯК–ҶӮЯК** جویکجویک ба ҷӯякҳо тақсимшу-

да: **оби ҷӯяк–ҷӯяк**.

**ҶӮЯКДАРМИЁН** جویک‌درمیان дар байн як ҷӯякро партофта ба дигарӣ гузаштан.

**ҶӮЯКДОР** جویک‌دار замини киштшудае, ки ҷӯяк дорад.

**ҶӮЯКӢ** جویکی он чи марбут ба ҷӯяк аст.

**ҶӮЯККАШАК** جویک‌کشک *кишов.* олати мах сус, ки бо вай ҷӯяк мекашанд, огардкашак.

**ҶӮЯНДА** جوینده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **ҷустан**. 2. ҷустуҷӯкунанда, кобанда: **ҷӯяндагони сарватҳои зеризаминӣ; ҷӯянда ёбанда** (*зарб.*). 3. тарафдор, толиб; **ҷӯяндагони сулҳ**.

**ҶӮЯНДАГӢ** جویندگی ҷустуҷӯ кардан, ҷустуҷӯкунандагӣ, кофтуков намудан

# Ш

**Ш** *ҳарфи сиву якуми алифбои ҳозираи тоҷикӣ; дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ бо ҳарфи* шин (ش) *ифода мешавад*; *дар ҳисоби абҷад ба адади 300 баробар аст.*

**ШААФ** *а.* شعف шодӣ, хурсандӣ, хушҳолӣ, шодмонӣ.

**ШАБ** شب 1. муддати муайян аз фурӯ рафтани Офтоб то баромадани он, ки ҳаво торик мешавад; *муқоб.* **рӯз**. 2. шабона, шабҳангом; **шаби адабӣ** шабнишиние, ки дар он масъалаҳои адабӣ баҳсу муҳокима ва асарҳои адабӣ хонда мешавад; **шабу рӯз** муддати як шабонарӯз; **шаб гузарондан** дар ҷое шабона мондан, хобидан дар ҷое; **шаб шудан** фаро расидани шаб; ◊ **шаб ба хайр** шабро нағз гузаронед (ибораест, ки шабона ҳангоми видоъ гӯянд).

**ШАБА** I شبه шабона, шабина, дар вақти шаб, шабҳангом.

**ШАБА** II شبه 1. санги сиёҳи барроқ, ки дар асбобҳои зинатии заргарӣ ба кор бурда мешавад. 2. *маҷ.* сиёҳӣ, тирагӣ, тирагунӣ.

**ШАБАГУН** شبگون *ниг.* **шабгун**.

**ШАБАК** شبک *шакли тасғир ва навозиши* **шаб**.

**ШАБАКА** *а.* شبکه 1. ҳар чизи сӯрох-сӯрох; панҷара; тирезаи шабакадор (сӯрох-сӯрох), ки аз сим ё тахта созанд; тӯри моҳигирӣ. 2. маҷмӯи муассисаҳои ҳамнавъ, ки дар доираи маълуме ҷо гирифта кор мекунанд: **шабакаи роҳи оҳан**, **шабакаи якуми телевизион**.

**ШАБАКАДОР** شبکه‌دار дорои шабака; дорои сӯрох буда.

**ШАБАКАДОРӢ** شبکه‌داری шабакадор будан; дорои сӯрохҳо будани панҷара.

**ШАБАКИЯ** *а.* شبکیه *тиб.* яке аз пардаҳои дохили чашм.

**ШАБАКӢ** شبکی шабона, шабонгоҳ.

**ШАБАНГӢ** شبنگی *гуфт.* 1. *мансуб ба* **шаб;** он чи дишаб рух дода буд. 2. дирӯза.

**ШАБАФРӮЗ** شب‌افروز 1. шабро равшанкунанда; **моҳи шабафрӯз** моҳе, ки бо партави худ шабро равшан мекунад. 2. кирми шабтоб.

**ШАБАФРӮЗӢ** شب‌افروزی **:шабафрӯзӣ кардан** шабро равшан кардан, чароғон кардани шаб.

**ШАБАҲ** I *а.* شبح сиёҳии шакли одам ё чизе ки аз дур дида мешавад; сиёҳӣ, суроб.

**ШАБАҲ** II شبه *ниг.* **шаба** I.

**ШАБАҲМОНАНД** شبح‌مانند *мансуб ба* **шабаҳ** I; ба суроб монанд.

**ШАБАҲРАНГ** شبه‌رنگ сиёҳранг.

**ШАБАЪ** *а.* شبع серӣ.

**ШАББЕДОРӢ** شب‌بیداری дар шаб бедор будан, бедорхобӣ, шабзиндадорӣ.

**ШАББОДА** شب‌باده боди нарми бегоҳонӣ, насими форами шабона; боди сабук.

**ШАББОШ** شب باش касе, ки шабро ҳам дар ҷои кор мегузаронад; **шаббош будан** шабона ҳам

кор кардан.

**ШАББӮ(Й)** (شب‌بو(ی) *бот.* гиёҳи баландсоқае, ки гулҳои сабзи зебо ва муаттар дорад.

**ШАБГАРД** شب گرد 1. он ки шаб гардиш мекунад; **дузди шабгард** дузде, ки шабона ба дуздӣ даст мезанад. 2. посбони шабона.

**ШАБГАРДӢ** شب گردی 1. шабона гардиш (саёҳат) кардан. 2. дар шаб посбонӣ кардан.

**ШАБГАҲ** شبگه *кит.* шабҳангом, шабона.

**ШАБГИР** شب گیر *кит.* 1. сафар кардан саҳаргоҳи барвақт. 2. саҳаргоҳ, ҳангоми саҳар, субҳи барвақт; **гоҳи шабгир** вақти саҳар, вақти бомдод. 3. шабона, ҳангоми шаб (*то саҳар*); **нолаи шабгир** нолаи шабона (*то саҳаргоҳ*).

**ШАБГИРГОҲ** شب گیرگاه *кит.* саҳаргоҳ.

**ШАБГИРӢ** شب گیری *мансуб ба* **шабгир**; **боди шабгирӣ** боди шабгиранда ва шамоли саҳаргоҳӣ.

**ШАБГОҲ** شبگاه *ниг.* **шабгаҳ**.

**ШАБГУЗАРОНӢ** شب گذرانی *исми амал аз* **шаб гузаронидан**; шабона дар ҷое манзил кардан ва хоб рафтан.

**ШАБГУН** شبگون чун шаб тираву сиёҳ, сияҳранг; сиёҳ, тира.

**ШАБДАР** شبدر *бот.* гиёҳест себарга аз ҷинси юнучқа, ки хӯроки чорпоёни алафхӯр аст, себаргаи сурх.

**ШАБДАРАВ** شب‌درو дарав дар шабҳангом, шаб даравидан, даравии шабона.

**ШАБДАРМИЁН** شب‌درمیان коре, ки як шаб мешавад ва шаби дигар намешавад: **шабдармиён посбонӣ кардан**.

**ШАБДАРТУРШАК** شب درترشک *гуфт.* навъе аз юнучқа.

**ШАБДЕЗ** شبدیز *кит.* 1. номи аспи Хисрави Парвиз, ки сиёҳранг будааст. 2. *мач.* асп. 3. *киноя аз* **шаб**. 4. номи яке аз навоҳои сигонаи Борбад.

**ШАБДИЗ** شبدیز *ниг.* **шабдез** 1., 2.

**ШАБДОР** شبدار *ниг.* **шабдар**.

**ШАБЕХУН** شبیخون ҳамлаи ногаҳонӣ дар шаб; ҳуҷуми ногаҳонии шабона ба душман; **шабехун задан** шабона ногаҳон ҳуҷум кардан ба душман.

**ШАБЕҲ** *а.* شبیه монанд, мисл, назир, моно.

**ШАБЁЗА** شبیازه *кит., ниг.* **шабпарак**.

**ШАБЗИНДАДОР** شب‌زنده‌دار он ки шаб бедор бошад, шаббедор.

**ШАБЗИНДАДОРӢ** شب زنده داری бедор будан дар шаб; азоби шаббедориро кашидан; **шабзиндадорӣ кардан** шаб нахобида ба коре машғул будан.

**ШАБИКА** *а.* شبیکه *кит.* тӯри дом, тӯри сайёдӣ, ки бо он парандаҳо, ҳайвонҳо, моҳӣ *ва г.* сайд мекунанд.

**ШАБИНА** شبینه *мансуб ба* **шаб**; шабона, дишаба, шабангӣ.

**ШАБИСТОН** شبستان 1. хонаи хоб, хобхона. 2. ҳарамсаро.

**ШАБИХУН** شبخون *ниг.* **шабехун**.

**ШАБКОР** شبکار он ки шаб кор мекунад, корманди басти шабона.

**ШАБКОРӢ** شبکاری кор кардан дар шаб; **шабкорӣ кардан** шабона кор кардан.

**ШАБКУК** شبکوک *кит.* гадое, ки шабона болои манора баландӣ, теппа ё дарахте баромада, як-як мардуми шаҳр ё маҳалларо дуо мекардааст, то садақа диҳанд.

**ШАБКУЛОҲ** شب کلاه як навъ каллапӯши сабук, ки ҳангоми хоб ё шаб дар сар мекунанд.

**ШАБКӮР** شب کور он ки ба бемории шабкӯрӣ мубталост.

**ШАБКӮРӢ** شب کوری яке аз бемориҳои чашм, ки гирифтори он шабҳо дар рӯшноии заиф чизеро намебинад.

**ШАБМОНДА** شبمانده боқимондаи хӯроки шаб ё дирӯз пухташуда: **оши шабмонда.**

**ШАБНАВАРД** شب‌نورد **:чароғи шабнаворд** фонуси дастӣ.

**ШАБНАМ** شبنم рутубате, ки шабона ё саҳар ба рӯи гиёҳҳо, сабза ва гулҳо мерезад; **шабнам рехтан (фаромадан)** пайдо шудани намӣ дар рӯи наботот ва гиёҳҳо.

**ШАБНАМО** شبنما чизе, ки дар шаб саҳеҳтар метобад; дар шаб тобанда.

**ШАБНАМХӮРДА** شبنم‌خورده гулу гиёҳ ва алафе, ки бар он шабнам нишаста бошад.

**ШАБНИШИН** شب‌نشین он ки дар шабнишинӣ иштирок дорад.

**ШАБНИШИНӢ** شب‌نشینی 1. шабона даври ҳам ҷамъ шуда маҳфил оростани дӯстон. 2. меҳмонӣ дар шаб, шабгузаронӣ бо сӯҳбат ва дилхушӣ.

**ШАБОБ** *а.* شباب *кит.* ҷавонӣ.

**ШАБОБАТ** شبابت *ниг.* **шабоб: давраи шабобат**.

**ШАБОВЕЗ** شب‌آویز **:мурғи шабовез** гӯё мурғе будааст, ки тамоми шаб ба як по истода фарёд мекашидааст ва ба ривояте, гӯё то чакраи хун аз гулӯяш начакад, хомӯш намешудааст; онро мурғи ҳақгӯй ё мурғи ҳақ ҳам меноманд.

**ШАБОНА** شبانه ҳангоми шаб, шабонгоҳӣ, ба вақти шаб: **посбони шабона**, **хӯроки шабона**; **мактаби шабона** мактабе, ки дар он шаб дарс мехонанд.

**ШАБОНАРӮЗ** شبانه‌روز як шабу як рӯз, 24 соат.

**ШАБОНАРӮЗӢ** شبانه‌روزی амали беисти шабонарӯз: **хизмати шабонарузӣ**.

**ШАБОНАХОН** شبانه‌خوان он ки шабона таҳсил мекунад; ◊ **мурғи шабонахон** мурғе, ки шаб нағмасароӣ мекунад.

**ШАБОНГАҲ//ШАБОНГОҲ** شبانگه//شبانگاه ҳангоми шаб, шабҳангом.

**ШАБОНГОҲӢ** شبانگاهی шабона, ҳангоми шаб; *мансуб ба* **шабонгоҳ**: **оҳангҳои шабонгоҳӣ**.

**ШАБОНРӮЗ** شبانروز *ниг.* **шабонарӯз**.

**ШАБОРӮЗ** شباروز *ниг.* **шабонарӯз**.

**ШАБОРӮЗӢ** شباروزی **:даври шаборӯзӣ** мурури замон, гузаштани вақт.

**ШАБОХУН** شباخون *ниг.* **шабехун**.

**ШАБОҲАНГ** شباهنگ 1. мурғи саҳар, мурғи саҳархон; булбул. 2. ситораи субҳ, ситораи корвонкаш (Сирус). 3. *маҷ.* шаб, шабонгоҳ.

**ШАБОҲАНГОМ** شباهنگام *кит., ниг.* **шабҳангом**.

**ШАБОҲАТ** *а.* شباهت шабеҳ будан, монанд будан, монандӣ; **шабоҳат доштан** монанд будан.

**ШАБОШАБ** شباشب ҳангоми шаб, шабона, дар шаб.

**ШАБПАЙМО** شب‌پیما *кит.* 1. шабгард, шабрав, дар вақти шаб гарданда, роҳпаймо дар шаб. 2. *маҷ.* он ки шаби дароз аз ишқ ва ҳиҷрони ёр бесабру тоқат қадам мезанад, ошиқи шабзиндадор.

**ШАБПАРА//ШАБПАРАК** شب‌پره//شب‌پرک кӯршабпарак, хаффош, муши паррон.

**ШАБПАРАСТ** شب‌پرست парастандаи шаб, дӯстдори шаб, шабгард.

**ШАБПАРВОЗ** شب‌پرواز шабона парвоз-кунанда; **ҳавопаймои шабпарвоз** ҳавопаймое, ки шабона мепарад.

**ШАБПОС** شب‌پاس посбони шабона.

**ШАБПӮШ** شب‌پوش *ниг.* **шабпӯшак**.

**ШАБПӮШАК** شب‌پوشک калла ва либосе, ки ба шаб вақти хоб мепӯшанд.

**ШАБРАВ** شبرو 1. он ки шаб роҳ меравад ё шабона аз пайи коре мешавад; **дузди шабрав** дузде, ки шабона ба дуздӣ мебарояд.

**ШАБРАНГ** شبرنگ сиёҳ, сиёҳтоб; **аспи шабранг** аспи сиёҳмушкин; **зулфи шабранг** мӯи зулфи сиёҳ; **абри шабранг** абри сиёҳ.

**ШАБТОБ** شب‌تاب ба шаб тобанда, шабона аз худ рӯшноидиҳанда; **кирми шабтоб** кирми хурде, ки моддаи фосфории рӯи баданаш дар торикӣ аз худ рӯшноӣ медиҳад, кирми шабафрӯз; **соати шабтоб** соате, ки ақрабакҳои фосфордораш ба шаб метобад.

**ШАБТОБОН** شب‌تابان *ниг.* **шабтоб**.

**ШАБТОЗ** شب‌تاز *ниг.* **шабехун**.

**ШАБУШ//ШАПУШ** شبش//شپش ҳашараи майдаи беболи хунмак, ки дар натиҷаи чиркинӣ дар бадани инсон ва ҳайвонот пайдо мешавад ва аз паҳнкунандагони баъзе бемориҳои сироятӣ аст; **шабуш кардан** шабуш пайдо шудан дар бадан ва либос.

**ШАБУШАК** شبشک резаҳои сафеди сабӯсмонанд, ки дар сар пайдо мешавад, сабӯсак.

**ШАБУШЗОР** شبش‌زار ҷои зиёдии шабуш; **шабушзор шудан** шабуш зер кардан, сершабуш шудан.

**ШАБУШИН** شبشین касе, ки дар бадан ва либос шабуш дорад.

**ШАБУШК** شبشک *ниг.* **шабуш**.

**ШАБХЕЗ** شب‌خیز 1. он ки шаб, пеш аз дамидани субҳ аз хоб хеста ба коре машғул мешавад. 2. *маҷ.* ошиқи шаббедор.

**ШАБХЕЗӢ** شب‌خیزی шаббедорӣ, шабзиндадорӣ.

**ШАБХОБӢ** شبخوابی ба шаб хобидан; **либоси шабхобӣ** либос барои хобидан дар шаб.

**ШАБХОНА** شبخانه хобгоҳ; ҷое, ки камбағалони бехонумон шабро дар он ҷо мегузаронанд.

**ШАБҲАНГОМ** شبهنگام шабона, вақти шаб.

**ШАБЧАРА** شب‌چره он чи шабона мехӯранд.

**ШАБЧАРО** شب‌چرا шабона чаридани чорпо; рама, пода ё галаро шабона ба чаро бурдан: **аспро ба шабчаро баровард**.

**ШАБЧАРОҒ** شب‌چراغ ҳар гавҳари обдор ва дурахшанда, тобон; **гавҳари шабчароғ** гавҳари дурахшони қиматбаҳо, ки шабона равшанӣ медиҳанд.

**ШАВ** شو ҳавл, тарс, ваҳм; **шав бурдан** ба ҳавл афтодан, ваҳмидан: **дилам нохост шав бурд; шав гирифтан** рамидан, ваҳмида рам кардан, ба ҳавл афтодан.

**ШАВВАС** شوّس садои ҷараёни об.

**ШАВВОЗ** شوّاز *гуфт., шакли вайроншудаи* "**Шоҳбоз**", *ки дар мавриди таъриф ва таҳсини касе гуфта мешавад.*

**ШАВВОЛ** شوّال номи моҳи даҳуми солшумории қамарӣ.

**ШАВВОС** شوّاس *ниг.* **шаввас**.

**ШАВГУН** شوگون *ниг.* **шугун**.

**ШАВӢ** *а.* شوی *кит.* бирён, бирён шуда, гӯшти бирён.

**ШАВКАРОН** شوکران *бот.* гиёҳи доруӣ аз оилаи ҷаъфарӣ.

**ШАВКАТ** *а.* شوکت ҷоҳ, ҷалол, бузургворӣ, ҳашамат, азамат, шукӯҳ.

**ШАВҚ** *а.* شوق орзумандӣ, майли зиёд, рағбат, иштиёқ: **шавқу завқ** майл ва хоҳиш**; шавқ доштан** майли зиёд доштан (*ба коре*); **ба шавқ овардан** *касеро* ба коре иштиёқманд кардан; **ба шавқ омадан** иштиёқманд шудан, бо майли тамом ба коре даромадан.

**ШАВҚАНГЕЗ** شوق انگیز *ниг.* **шавқовар**.

**ШАВҚАНГЕЗӢ** شوق‌انگیزی шавқовар будан, шавқоварӣ.

**ШАВҚАНГЕЗОНА** شوق‌انگیزانه бо завқу ҳавас ба чизе машғул шудан.

**ШАВҚАФЗО** شوق‌افزا он чи шавқу ҳавас ва майли касро ба коре меафзояд.

**ШАВҚДОР** شوق دار *ниг.* **шавқманд**.

**ШАВҚМАНД** شوقمند хеле ҳавасманд ва иштиёқнок.

**ШАВҚМАНДӢ** شوقمندی майл ва орзумандии зиёд доштан ба чизе.

**ШАВҚНОК** شوق‌ناک *ниг.* **шавқманд**.

**ШАВҚОВАР** شوق‌آور 1. он чи боиси шавқ ва рағбат мегардад; **шавқовар будан** диққатҷалбкунанда будан. 2. чизе ки касро барои коре ҳавасманд мекунад.

**ШАВҚОВАРӢ** شوق آوری *ниг.* **шавқангезӣ**.

**ШАВҚОВАРОНА** شوق‌آورانه *ниг.* **шавқангезона**.

**ШАВҚУН** شوقون *гуфт.* доду фарёд; **шавқун андохтан** доду фарёд барпо кардан; **шавқун бардоштан** доду фарёд кардан; **шавқун баромадан** аз ҷое садои доду фарёд баромадан, баланд шудани садоҳо; **шавқун кардан** доду фарёд кардан, ҳаёҳу бардоштан.

**ШАВҚФИЗО** شوق فزا ба шавқ оваранда.

**ШАВЛА** شوله оши мулоим аз биринҷ, шӯла.

**ШАВНИЗ** شونیز *ниг.* **шуниз**.

**ШАВНӢ** شونی *лаҳҷ.* даҳанбанди ҷувол, канаби пашмин, ки бо он даҳони ҷуволро медӯзанд ё мебанданд.

**ШАВОМИХ** *а.* شوامخ *ҷ.* **шомих**; **шавомихи ҷибол** ҷойҳои баланди кӯҳ.

**ШАВОРЕЪ** *а.* شوارع *ҷ.* **шореъ.**

**ШАВР** *а.* شور *кит.* маслиҳат, машварат; **шавр кардан (намудан)** маслиҳат кардан, машварат намудан.

**ШАВУОЙ** شووآی рафтуой, рафтуомад; ҳаракати доимӣ.

**ШАВҲАР** شوهر марди зандор, шӯй, ҳамсар: **ба шавҳар баромадан; шавҳар кардан** ба никоҳи марде даромадани зан.

**ШАВҲАРДОР** شوهردار зане, ки дорои шавҳар аст.

**ШАВҲАРДОРӢ** شوهرداری дар никоҳи касе будани зан; тарзи муомила ва рафтори зан бо шавҳар.

**ШАВҲАРКАРДА** شوهرکرده зани ба шавҳар баромада.

**ШАВҲАРҶУДО** شوهرجدا зани ҷудомонда ва дурафтода аз шавҳар.

**ШАВҲАРШАВАНДА** شوهرشونده касе, ки ба духтаре ё зане шавҳар шудан мехоҳад, ба шавҳар шудан муносиб.

**ШАВШУВ** شوشو садои ҷараёни об.

**ШАВШУВДОР** شوشودار *збш.* овозҳои ҳамсадое, ки дар талаффузашон ғулғула (шавшув) бештар ба назар мерасад.

**ШАГО** شگا *кит.* тирдон, тиркаш.

**ШАГОЛ** شگال *ниг.* **шағол**.

**ШАҒ** شغ *кҳнш.* 1. шох, шохи дарахт; шохи ҳайвон. 2. қадаҳи шаробнӯшӣ аз шохи гов.

**ШАҒА** شغه *кит.* обила, қубла, пина.

**ШАҒАБ** *а.* شغب *кит.* 1. овози баланди ғулғуладори шӯрангез, мағал, шӯру ғавғо. 2. фитна ва фасод; ҷидол, хархаша.

**ШАҒАБНОК** شغبناک *кит.* пуршӯру ғавғо, пурҷӯшу хурӯш, пурмағал.

**ШАҒАВУЛ//ШИҒОВУЛ** شغول//شغاول *таър.* ноиби удайчӣ, ки як мансабе дар дарбори амири Бухоро буд.

**ШАҒАЛ** شغل сангмайда, сангреза.

**ШАҒАЛДОР** شغلدار дорои шағал, омехта бо сангрезаву сангпораҳо.

**ШАҒАЛЗАМИН** شغلزمين замини камхоки сангрезадор.

**ШАҒАЛЗОР** شغل زار замини шағалаш бисёр.

**ШАҒАЛРЕЗӢ** شغل ريزى рехтани сангпораҳо (*ба роҳ ё ба бандҳои об*).

**ШАҒАЛРЕХТА** شغلريخته **:роҳи шағалрехта** роҳи фаршаш аз шағал.

**ШАҒАФ** *а.* شغف *кит.* муҳаббат ва дӯстии пурэҳтирос ва шиддатнок; шавқу ҳавас.

**ШАҒБА** I شغبه *кит.* обилаи шахшудаи пӯсти даст, пой *ва г.*

**ШАҒБА** II شغبه *кит.* фирефта, хору залил; мутеъ.

**ШАҒО** شغا *ниг.* **шаго**.

**ШАҒОЛ** شغال ҳайвони даранда аз ҷинси саг, ки лошахор аст ва мурғони хонагиро шикор мекунад.

**ШАДДА** I *а.* شدّه сангҳои гаронбаҳо, ки ба ришта гузаронида ба гардан меовезанд; **шаддаи марҷон** марҷонҳои ба як ришта кашидашуда. 2. умуман ҳар чизи ба ришта кашидашуда.

**ШАДДА** II *а.* شدّه *грам.* 1. шиддатнок ду бор талаффуз кардани овоз. 2. аломати “ ّ ” монанде, ки дар алифбои арабӣ ба болои ҳарфҳои ташдиддошта монда мешавад.

**ШАДДОД** *а.* شدّاد 1. номи як подшоҳи ситамгари афсонавӣ, ки гӯё даъвои худоӣ кардааст. 2. *маҷ.* золим, бераҳм.

**ШАДДОДӢ** شدّادى бераҳмӣ, золимӣ; ◊ **даъвои шаддодӣ кардан** хеле аз худ рафта худро қавитару тавонотар аз ҳама пиндоштан.

**ШАДИД** *а.* شديد шиддатнок, сахт.

**ШАДИДА** *а.* شديده сахтӣ, бадбахтӣ.

**ШАДИДАН** *а.* شديداً қатъӣ, ҷиддӣ: **шадидан маҳкум кардан**.

**ШАДОИД** *а.* شدائد *ҷ.* **шадида.**

**ШАЁН** شيان *ниг.* **шиён**.

**ШАЁТИН** *а.* شياطين *ҷ.* **шайтон**.

**ШАИР** *а.* شعير *кит.* ҷав.

**ШАЙ** *а.* شئ *ниг.* **шайъ**.

**ШАЙБ** *а.* شيب *кит.* сафед шудани мӯй, мӯйсафедӣ, пирӣ; *муқоб.* **шабоб**.

**ШАЙБА** *олм.* شيبه 1. ҳалқаи миёнаш сӯрохе, ки ба таги гайка гузошта маҳкам мекунанд. 2. ҳаппаки дарунпури вазнин, ки дар хоккей ба ҷои тӯб бозӣ карда мешавад.

**ШАЙД** *а.* شيد *кит.* ҳила, макр, фиреб, риё, тазвир.

**ШАЙДО** شيدا 1. ошуфта, шефта, мафтун, ошиқ. 2. девона, маҷнун; **шайдо шудан** ошиқу

ошуфта шудан, мафтун гардидан.

**ШАЙДОДИЛ** شیدادل ошуфтадил, дилдода, ошиқи гузаро.

**ШАЙДОӢ** شیدایی ошуфтагӣ; аз ишқ шайдо будан.

**ШАЙЁД** *а.* شیّاد *кит.* фиребгар, маккор, дағобоз, ҳилагар.

**ШАЙЛАМ** شیلم *бот.* гиёҳи мадҳушкунанда.

**ШАЙН** *а.* شین *кит.* нуқсон, камукост, айб; зиштӣ.

**ШАЙПУР** شیپور карнайча, карнайи аскарон ва мактабиён.

**ШАЙПУРЗАН** شیپورزن *ниг.* **шайпурнавоз**.

**ШАЙПУРӢ** شیپوری *бот.* як навъ гул: **гули шайпурӣ**.

**ШАЙПУРНАВОЗ** شیپورنواز он ки шайпур менавозад.

**ШАЙПУРЧӢ** شیپورچی *ниг.* **шайпурнавоз**.

**ШАЙТАНАТ** *а.* شیطنت шайтонӣ, шӯрангезӣ, ҳилагарӣ, фитнагарӣ.

**ШАЙТОН** *а.* شیطان 1. иблис, аҳриман; яке аз фариштаҳо, ки мувофиқи раъйи Худованд рафтор накард (*шахсияти мавҳуми афсонавӣ*). 2. *маҷ.* одами ҳилагар, маккор; **шайтон бераҳа кардан, шайтон аз роҳ баровардан (задан)** ба роҳи хато рафт, гумроҳ шудан; **шайтонро фиреб додан** ниҳоят фиребгару ҳилагар будан (дар ҳаққи одами ҳилагари гузаро гуфта мешавад).

**ШАЙТОНАК** شیطانک *шакли тасгир ва навозиши* **шайтон**.

**ШАЙТОНАРОБА** شیطانارابه *кҳн.* велосипед, дучарха.

**ШАЙТОНӢ** شیطانی 1. шайтон будан, шайтанат. 2. саркашӣ, нофармонӣ, бадкорӣ; **шайтонӣ кардан** ҳилагарӣ кардан, маккорӣ кардан.

**ШАЙТОНПАРАСТ** شیطانپرست парастандаи шайтон; маккор, ҳилагар.

**ШАЙТОНПАРАСТӢ** شیطانپرستی парастандаи шайтон; маккорӣ, ҳилагарӣ.

**ШАЙТОНСИФАТ** شیطانصفت дорои сифати шайтон; маккорӣ, ҳилагарӣ.

**ШАЙТОНТЕРИГӢ** شیطانتیریگی либоси аз матои шайтонтерӣ дӯхташуда.

**ШАЙТОНТЕРӢ** شیطانتیری як навъ матои дурушт ва доштноки нахӣ.

**ШАЙТОНФИРЕБ** شیطانفریب фиребгари гузаро, ниҳоят ҳилагар.

**ШАЙТОНЧА** شیطانچه шайтонак, шайтони хурд (*ба бачаҳои шӯх гуфта мешавад*).

**ШАЙХ** *а.* شیخ 1. марди пир, кӯҳансол; **шайху шоб** пиру ҷавон. 2. олим, донишманд: **Шайх Саъдӣ**, **Шайх Аттор**. 3. муршид, пешвои рӯҳонӣ, эшон, пир; обид, зоҳид.

**ШАЙХӢ** شیخی муршидӣ, эшонӣ, пирӣ.

**ШАЙХТАРОШ** شیخ‌تراش он ки худро шайх вонамуд мекунад.

**ШАЙХУЛИСЛОМ** شیخ‌الاسلام 1. сардор ва пешвои дин дар ислом. 2. мансаби олии динӣ дар Бухорои давраи амир, сардори муллоён.

**ШАЙХУХАТ** *а.* شیخوخت пирӣ, солхӯрдагӣ.

**ШАЙЪ** *а.* شیء чиз.

**ШАЙЪӢ** شیئی чизӣ, моддӣ; чизи дайнкунанда, чизи исботкунанда; **далели шайъӣ** чизи дайнкунандаи ҷиноят.

**ШАК(К)** *а.* شک шубҳа, гумон; **ба шак афтодан** шубҳа кардан; **шак доштан** шубҳа доштан, гумонбар шудан; **шак овардан** шубҳа кардан ба дурустии ақидае (*бештар ақидаи динӣ*).

**ШАКАЛОД** *фр.* شکلاد як навъ ширинӣ, ки аз какао, шакар, шир таҳия мешавад.

**ШАКАР** *ҳ.* شکر ширааи аз лаблабуи қанд ё найшакар ҳосилкарда, ки резаи дона-дона мешавад (*дар шеър ба шакли* **шаккар** *ҳам меояд*).

**ШАКАРАК** شکرک доначаҳои шакармонанде, ки дар меваҳои хушк ва мураббо пайдо мешавад; **шакарак бастан** пайдо шудани доначаҳои шакармонанд дар мавиз, мураббо *ва г.*

**ШАКАРАКБАСТА** شکرک‌بسته шакарак пайдокарда, сахт шуда шакармонандшудаи асал *ва г.*

**ШАКАРАНГУР** شکرانگور ангури сафедранги лӯндаи донакдор.

**ШАКАРАФШОН** شکرافشان 1. шакарбор,

шакарпош, шакаррез. 2. *мач.* ширинсухан, хушзабон; **лаъли шакарафшон** *киноя аз* лаби маҳбуба.

**ШАКАРАФШОНӢ** شکرافشانی 1. шакарборӣ, шакаррезӣ. 2. *мач.* ширинсуханӣ, хушгӯӣ, хушгуфторӣ.

**ШАКАРБАРГ** شکربرگ як навъ ҳалво.

**ШАКАРБЕЗА** شکربیزه як навъ кулчақанд.

**ШАКАРБОДОМ** شکربادام омехтаи бодом ва зардолуи хушк (ғӯлинг).

**ШАКАРБОР** شکربار шакаррез, хеле ширин; **лаби шакарбор** *киноя аз* лаби маъшуқа.

**ШАКАРБУРА** شکربوره як навъ самбӯсаи ширин аз асалу шакар.

**ШАКАРВАШ** شکروش *кит.* шакармонанд, ширин; **лаби шакарваш** *киноя аз* лаби маҳбуба.

**ШАКАРВОР** شکروار шакармонанд, ширин.

**ШАКАРГУН** شکرگون *кит.* шакармонанд, шакарранг, сафед; **шакаргун** пораи матои абрешимии сафедранги нафис.

**ШАКАРГУФТОР** شکرگفتار ширинсухан, ширинзабон, хушгап.

**ШАКАРГУФТОРӢ** شکرگفتاری ширинсуханӣ, ширинзабонӣ.

**ШАКАРДАҲАН** شکردهن *ниг.* **шакардаҳон**.

**ШАКАРДАҲОН** شکردهان *киноя аз* ширин-сухан, хушгап.

**ШАКАРДОН** شکردان зарф барои нигоҳдории шакар дар рӯи дастархон (суфра).

**ШАКАРДОР** شکردار ҳар чизе, ки дорои шакар бошад.

**ШАКАРЗАБОН** شکرزبان ширинзабон, ширингуфтор.

**ШАКАРЗОР**شکرزار 1. *ниг.* **шакаристон**. 2. *мач.* латофат, назокат, ҷозибадорӣ.

**ШАКАРИН** شکرین *мансуб ба* **шакар**; шакаромез, ширин.

**ШАКАРИНЛАЪЛ** شکرینلعل *кит. киноя аз* ширинлаб.

**ШАКАРИСТОН** شکرستان мазрааи найшакар, найшакарзор.

**ШАКАРӢ** شکری *ниг.* **шакарин**.

**ШАКАРЛАБ** شکرلب *ниг.* **шакаргуфтор**.

**ШАКАРЛАНГ** شکرلنگ он ки андаке мелангад, он ки дар роҳ гаштан саҳлакак мелангад, шакарпо.

**ШАКАРЛАҲҶА** شکرلهجه *кит., киноя аз* ширинзабон, ширинсухан.

**ШАКАРМАСТ** شکرمست *ниг.* **ширакайф**.

**ШАКАРМУРӮД** شکرمرود навъе аз амруди хеле ширини гуворо.

**ШАКАРНАМ** شکرنم андак намӣ аз бориши кам.

**ШАКАРНИСОР** شکرنثار *кит.* шакарбор, шакаррез, шакарафшон.

**ШАКАРОБ** شکراب 1. оби бо шакар ширин кардашуда. 2. навъи хӯрок аз реза буридаи пиёз, помидор, қаланфур ва кабудӣ, ки дар он нон пора карда мехӯранд.

**ШАКАРОЛУД** شکرآلود *кит.* 1. бо шакар омехта; **шакаролуд кардан** а) ба шакар омехтан, ширин кардан; б) *мач.* баҳра гирифтан, завқ бурдан. 2. *мач.* ширин, хуш (*дар бораи сухан*); **ба лаб хокро шакаролуд кардан** *киноя аз* заминбӯсӣ ва таъзим кардан.

**ШАКАРОЛУДА** شکرآلوده шакаромехта; **ақиқи шакаролуда** *киноя аз* лаби маҳбуба.

**ШАКАРОМЕХТА** شکرآمیخته *ниг.* **шакаролуда**.

**ШАКАРПО** شکرپا *ниг.* **шакарланг**.

**ШАКАРПОРА** شکرپاره номи навъе аз харбузаи ширин.

**ШАКАРРЕЗ** شکرریز 1. шакарафшон, шакарбор; ширинӣ ва пуле, ки ба сари арӯс мепошанд. 2. *мач.* садои форам, сухани дилкашу ширин.

**ШАКАРРЕЗӢ** شکرریزی 1. шакарафшонӣ, шакарборӣ. 2. *мач.* гуфтани суханони латиф ва ширин.

**ШАКАРФАСОНА** شکرفسانه *кит.* 1. *киноя аз* ширинсухан, хушгуфтор. 2. гӯяндаи афсонаҳои форам ва шавқовар.

**ШАКАРФУРӮШ** شکرفروش фурӯшандаи шакар.

**ШАКАРХАНД** شکرخند он ки хандаи ширину латифе дорад; **лаъли шакарханд** *мач.* лаби маъшуқа.

**ШАКАРХАНДА** شکرخنده табассум, табассуми зерилабӣ, хандаи латифи ишваомезона.

**ШАКАРХЕЗ** شکرخیز 1. ҳосилкунандаи шакар, шакарафшон. 2. *маҷ.* шакарзор, шакаристон.

**ШАКАРХОБ** شکرخواب 1. хоби хушу ширин, хоби форам. 2. хоби саҳаргоҳ.

**ШАКАРХОЙ** شکرخای 1. шакармаканда, мазакунандаи шакар. 2. *маҷ.* ширинзабон.

**ШАКАРХОР** شکرخوار 1. хӯрандаи шакар. 2. *киноя аз* ширинсухан.

**ШАКАРЧАШ** شکرچش *кит.* намуна, чошнӣ, ки барои санҷидани маза мегиранд ё ба лаб мерасонанд.

**ШАКАРЧОЙ** شکرچای он ки ба дурустии чизе шубҳа мекунад.

**ШАКДОР** شکدار ҳар чизе, ки дорои шак бошад.

**ШАКИДАН** شکیدن *гуфт.* молидан; часпондан.

**ШАКК** *а.* شک *ниг.* **шак**.

**ШАККАР** شکّر *ниг.* **шакар** (*шакли мустаъмал дар назм*).

**ШАККАРФИШОН** شکرفشان *кит., ниг.* **шакарафшон**.

**ШАККАРФИШОНӢ** شکرفشانی *ниг.* **шакарафшонӣ**.

**ШАККАРШИКАН** شکرشکن *кит.* 1. шакарафшон, шакаррез. 2. *маҷ.* ширинсухан.

**ШАККАРШИКАНӢ** شکرشکنی *кит., киноя аз* хушсуханӣ, хушгуфторӣ.

**ШАККОК** *а.* شکّاک шаккунанда.

**ШАККОКӢ** شکّاکی шак кардан, шак овардан, шак доштан; **шаккокӣ кардан** дар ақидае шак овардан, нобоварӣ баён кардан.

**ШАККОКОНА** شکّاکانه аз рӯи шак, бо шаккокӣ,нобоварона.

**ШАКЛ** *а.* شکل 1. мисл, монанд, назир**; ба шакли…** ба монанди.... 2. тарз, навъ, намуд; **шакл ва мундариҷа** сурат ва мазмун: **шаклҳои адабӣ, шаклҳои шеърӣ**. 3. қиёфа, шамоил, афту андом, башара: **шакли безеб**. 4. сурат; **шакли** *чизеро* **гирифтан** шабеҳу монанд шудан ба чизе.

**ШАКЛАН** *а.* شکلاً аз ҷиҳати шакл ва намуд; бо шакл ва намуди худ: **маданияти шаклан миллӣ.**

**ШАКЛГИРӢ** شکلگیری шакл гирифтан, сурат пайдо кардан; пайдоиш; ҳосилшавӣ: **шаклгирии қабати ҳосилхези замин.**

**ШАКЛДИҲӢ** شکلدهی тағйир додани шаклу намуди чизе.

**ШАКЛПАРАСТ** شکلپرست он ки шакл, ҷиҳати зоҳирии чизеро мебинад ва меписандад; формалист.

**ШАКЛПАРАСТӢ** شکلپرست *мансуб ва марбут ба* **шаклпараст**.

**ШАКЛСОЗӢ** شکلسازی *ниг* . **шаклдиҳӣ**.

**ШАҚ(Қ)** *а.* شق *кит.* шикоф; чок, шикофта; нима. 2. устувор ва рост, ки ҳаму рост намешавад.

**ШАҚАЛДОҚ** *т.* شقلداق *ниг.* **шақилдоқ**.

**ШАҚАРРОС** شقرّاس *калимаи тақлиди* овоз, ки садои бархӯрдани ду чизро ифода мекунад; **шақаррос задан** садои шақарросӣ баровардан.

**ШАҚАР-ШАҚАР** شقر شقر *калимаи тақлиди овоз*, ки пайи ҳам ба ҳам задани чизҳоро ифода мекунад.

**ШАҚИҚА** *а.* شقیقه 1. мобайни гӯшаи абрӯ ва гӯш, чакка. 2. *тиб.* дарди ними сар.

**ШАҚИЛДОҚ//ШАҚИЛЛОҚ** *т.* شقلداق//شقلاق як навъ бозичаи кӯдакона, ки ҳангоми ҷунбонидан садо мебарорад.

**ШАҚӢ** *а.* شقی *кит.* 1. бадбахт. 2. золим, бераҳм.

**ШАҚҚА** *а.* شقّه :**девонаи шаққа** *гуфт.* тамоман девона, девонаи гузаро.

**ШАҚО** *а.* شقا *кит.* бадбахтӣ, бало.

**ШАҚОВАТ** *а.* شقاوت *кит.* 1. бадбахтӣ, тирабахтӣ, накбат; *муқоб.* **саодат**. 2. сахтдилӣ, сангдилӣ, бераҳмӣ.

**ШАҚОВАТПЕША** شقاوتپیشه *кит.* сахтдил, бераҳм.

**ШАҚОИҚ** *а.* شقائق яке аз навъҳои лола.

**ШАҚОҚУЛ** شقاقل сабзии кӯҳӣ.

**ШАҚ-ШАҚ** شق شق 1. *калимаи тақлиди овози* паранда (акка) 2. *маҷ.* гапҳои беҳуда, сафсата.

**ШАҚШАҚА** شقشقه *ниг.* **шақилдоқ; шақшақаи дарвоза** навъе аз кӯбаҳои дарвоза.

**ШАЛ** شل касе, ки даст ё пояш ба иллате аз кор баромада бошад; фалаҷ; **шал шудан** ба иллате аз кор баромадани даст ё по.

**ШАЛАҚ** شلق фарсуда, аз кор баромада; ◊ **даҳанаш шалақ** одами даҳонаш бефаровез, шартакигӯй; **шалақ шудан** фарсуда шудан.

**ШАЛАППАС** شلپّس садои ба ҳам задани мавҷҳои об: **шалаппас задан**.

**ШАЛАП-ШАЛАП** شلپ شلپ садои баҳамзании бардавоми об.

**ШАЛВОР** شلوار 1. эзор. 2. шим.

**ШАЛВОРБАНД** شلواربند эзорбанд.

**ШАЛҒАМ** شلغم бехгиёҳи хӯрокии турбмонанд, ки мазаи тунду тезе дорад.

**ШАЛҒАМАК** شلغمک *бот.* вазирак.

**ШАЛҒАМБАРКАШ** شلغمبرکش *маҷ.* бебаркаш, беҳисоб, бемеъёр.

**ШАЛҒАМӢ** شلغمی шалғамдор, бошалғам; **шӯрбои шалғамӣ** шӯрбои шалғам андохта; ◊ **шалғамӣ карда бастан (-и салла)** навъе аз бастани салла, ки шакли болояш қуббадор баста мешавад.

**ШАЛҒАМЧА** شلغمچه турбча.

**ШАЛҒАМШӮРБО** شلغمشوربا шӯрбое, ки бо шалғам пазанд.

**ШАЛДАРД** شل درد бемории шалӣ, фалаҷ.

**ШАЛДАРОС** شلدراس *ниг.* **шалдар-шалдар; шалдарос задан** бо садои шалдарос равон шудани об.

**ШАЛДАР-ШАЛДАР** شلدرشلدر садои ҷараён ва резиши об.

**ШАЛИЛ** شلیل навъе аз шафтолу, ки пӯсташ монанди зардолу бе пат буда, рангаш сурху сафед мешавад, шафтолуи луччак.

**ШАЛӢ** شلی фалаҷ, фалаҷ будан.

**ШАЛЛОҚ** *а.* شلاق 1. тозиёна, тозиёнаи тасмагӣ. 2. зарба задан (*бо тозиёна, даст ва г.*); **шаллоқ хӯрдан** зарбу лат додан.

**ШАЛЛОҚӢ** شلاقی 1. берӯ, беобрӯ, айёр. 2. шаллоқхӯрда, тозиёнахӯрда.

**ШАЛЛОҚКОРӢ** شلاقکاری бо қамчин латту кӯб кардан.

**ШАЛОИН** شلاین *гуфт.* 1. шилқин (*одаме, ки аз касе чизе нарӯёнад, намемонад*). 2. монда, кӯфта, бекора, шалпар; **шалҳаю шалоин** а) шилқини часпак; б) кӯфтаю бекора.

**ШАЛОЛА** شلاله 1. харсанги овезони зери ях; яхпораи овезон. 2. шаршара, обшорон.

**ШАЛПАР** شلپر аз қувват афтода, мондаю афсурда, беҳол, бемадор, лакот; **шалпар кардан** касе ё чорпоеро бо кор ё бо роҳгардӣ лакоту бемадор кардан; **шалпар шудан** лакот шудан.

**ШАЛПАРӢ** شلپری беҳолӣ, бемадорӣ.

**ШАЛПӮЙ** شلپوی шарфаи по, садои по дар вақти гаштан; шарфа.

**ШАЛТАҚ** *т.* شلتق тар, намкашида, шип – шилта; шилтиқ; маҷақу вайроншуда (*нисбат ба меваҳо*).

**ШАЛТОҚ** شلتاق *ниг.* **шилтоқ**.

**ШАЛТӮК** شلتوک шолӣ.

**ШАЛҲА** شلهه 1. пардаи равғандори часпак дар гӯшт. 2. *маҷ.* одами шилқин, безоркунанда.

**ШАЛҲАГӢ** شلهگی шилқинӣ, безоркунандагӣ.

**ШАЛҲАДОР** شلهه دار :**гӯшти шалҳадор** гӯшти дорои пардаи равғандори часпак.

**ШАЛҲИДАГӢ** شلهیدگی хушк, пажмурда.

**ШАМ(М)** *а.* شم қувваи шомма, ки яке аз ҳисси панҷгонаи инсон аст, бӯёӣ.

**ШАМА** شمه *ниг.* **шамма**.

**ШАМАД** شمد *кит.* 1. рӯйҷо, болопӯши сафед, ки тобистон дар вакти хоб ба болои худ мегиранд. 2. як навъ нони сафеди калон.

**ШАМАК** شمک курмак.

**ШАМАН** شمن бутпараст.

**ШАМАР** شمر ҳавзча, обгир, кӯлча.

**ШАМИДАН** I شمیدن бӯидан, бӯй кардан.

**ШАМИДАН** II شمیدن *кит.* 1. рамидан, тарсидан; беҳуш шудан. 2. ошуфтан.

**ШАМИЛА** شمیله *кит. ба ин шакл камистеъмол аст*; *ҷамъаш* **шамоил**.

**ШАМИМ** *а.* شمیم бӯи хуш, хушбӯй.

**ШАМИМА** *а.* شمیمه *муаннаси* **шамим**.

**ШАМЛ** *а.* شمل 1. ҷамъият, гурӯҳ. 2. парешонхотирӣ.

**ШАММА** *а.* شمّه 1. пасмондаи чой, ки баъди нӯшидани он дар чойник мемонад. 2. андаке, мухтасаре.

**ШАММОМА** *а.* شمّامه меваест хурди хушбӯй аз ҷинси харбуза; дастанбӯй.

**ШАММОЪ** *а.* شمّاع *кит., ниг.* **шамърез**.

**ШАМОИЛ** *а.* شمايل 1. *ҷ.* **шамила**, хислатҳои нек. 2. қиёфа, намуди берунӣ.

**ШАМОЛ** *а.* شمال бод; **шамол додан** а) худро бод додан дар ҳавои гарм (*бо бодбезак, рӯймол ва г.*); б) ба ҷои ҳаворас бароварда хушкондани либос, кӯрпа *ва г.*; в) ба воситаи кушодани тиреза ё дарича тоза кардани ҳавои хона; ◊ **шамол кашидан//шамол хӯрдан** а) дар ҳавои тоза гаштан, ҳавои тоза гирифтан; б) бемор шудан дар натиҷаи расидани ҳавои хунук; **шамол набошад, шохи дарахт намеҷунбад** (*зарб.*) ҳеҷ чиз бесабаб намешавад, ҳар рӯйдоде сабабе дорад.

**ШАМОЛГАРДОН** شمال‌گردان садде ки шамол аз он намегузарад (*кӯҳ, девор*).

**ШАМОЛГУЗАР** شمال‌گذر аз байнаш шамолгузаранда.

**ШАМОЛДАРО** شمال‌درا ҷои ҳаводароии хона, ҷое ки аз он ҷо ҳавои тоза медарояд.

**ШАМОЛДИҲӢ** شمال‌دهی *исми амал аз* **шамол додан**.

**ШАМОЛЗАДА** شمال‌زده дар натиҷаи зиёд истодан дар ҳавои кушодаву ҷои шамолрас дурушт шудани пӯсти рӯю даст.

**ШАМОЛКАШ** شمال‌کش шамолдаро, ҷои ба хона даромадани ҳавои тоза.

**ШАМОЛНОК** شمال‌ناک шамолвазанда; **рӯзи шамолнок** рӯзе, ки шамол вазида истода бошад.

**ШАМОЛПАНАҲ** شمال‌پنه *ниг.* **шамолпаноҳ**.

**ШАМОЛПАНОҲ** شمال‌پناه ҷое, ки аз вазидани шамол эмин аст, ҷои шамолнорас.

**ШАМОЛРАС** شمال‌رس ҷое, ки ба он шамол мерасад; *муқоб.* **шамолпаноҳ**.

**ШАМОЛСАНҶ** شمال‌سنج *ниг.* **бодсанҷ**.

**ШАМОМА** *а.* شمامه хушбӯӣ, атрдон; шамъи муаттар, шамъи атрноку хушбӯй.

**ШАМОТАТ** *а.* شماتت 1. шоду хурсанд шудан ба ғам ва ранҷи касе. 2. сарзаниш; таъна; ришханд.

**ШАМОТАТОМЕЗ** شماتت‌آميز хурсандии бадниятона.

**ШАМОНИДАН** شمانيدن *шакли бавоситаи феъли* **шамидан**; бӯидан.

**ШАМПАН** *фр.* شمپن *гуфт.* навъи шароби ангурии кафкдор.

**ШАМПУН** *англ.* شمپون маҳлули собун барои шустани мӯи сар *ва г.*: **шампуни саршӯӣ**.

**ШАМС** *а.* شمس офтоб, хуршед, меҳр; **шамсу қамар** офтобу моҳ, меҳру моҳ.

**ШАМСА** شمسه қурси зарандуд, ки дар қуббаҳо, гунбазҳо, иморатҳо, шодурвонҳо насб мекунанд.

**ШАМСИЯ** *а.* شمسيه 1. *мансуб ба* **шамс**. 2. соябон, чатр, ки дар гармои тобистон ба сар гирифта мегарданд.

**ШАМСӢ** شمسی *мансуб ба* **шамс**; **соли шамсӣ** муддати як давр задани Замин гирди Офтоб, ки 12 моҳ ё 365 рӯзу 5 соат ва 48 дақиқаву 46 сония аст (*аз аввали* ҳамал-фарвардин *то охири* ҳут-исфандмоҳ).

**ШАМХОЛ** *т.* شمخال *кит.* раис.

**ШАМШЕР** شمشير яроқи сарди оҳанӣ ё фӯлодии дарози якдама ё дудамаи дастадор, шоф; ◊ **бо шамшер сухан гуфтан** бо шамшер ба ҷанги касе баромадан.

**ШАМШЕРБАДАСТ** شمشيربدست он ки дар дасташ шамшер дорад; ҷанговари шамшердор.

**ШАМШЕРБОЗ** شمشيرباز шамшерзан; шамшербозикунанда.

**ШАМШЕРБОЗӢ** شمشيربازی навъе аз варзиши дукаса, ки бо шамшер ба ҳамдигар ҳамла мекунанд.

**ШАМШЕРГАР** شمشيرگر шамшерсоз, шофсоз.

**ШАМШЕРДОР** شمشيردار *ниг.* **шамшербадаст**.

**ШАМШЕРЁЛ** شمشيريال ҳайвони ёлаш сих-сихи ростистода.

**ШАМШЕРЗАБОН** شمشیرزبان *киноя аз* теззабон, бурросухан; устоди сухан.

**ШАМШЕРЗАН** شمشیرزن 1. он ки дар шамшер задан маҳорат дорад. 2. марди ҷангӣ; диловар.

**ШАМШЕРЗАНӢ** شمشیرزنی шуғлу амали шамшерзан.

**ШАМШЕРҚАЛАМ** شمشیرقلم адиби қалами таҳрираш фасеҳи гузарову таъсирбахш.

**ШАМШЕРМОНАНД** شمشیرمانند чизе ки шабеҳи шамшер аст, ба шамшер монанд, ба сони шамшер.

**ШАМШЕРМОҲӢ** شمشیرماهی *биол.* як навъ моҳӣ, ки бинии дарози шамшермонанд дорад.

**ШАМШЕРСОЗ** شمشیرساز устои оҳангаре, ки кораш махсуси шамшерсозӣ буд, шамшергар.

**ШАМШОД** شمشاد дарахти ҳамешасабзе, ки баргҳои хурди анбӯҳ ва чӯби хеле сахт дорад, аз чӯби шамшод асбобҳои гуногун, аз ҷумла шона месозанд; **қомати шамшод** қомати рости мавзун ва зебо.

**ШАМШОДБОЛО** شمشادبالا *киноя аз* қади мавзун ва зебои маъшуқа.

**ШАМШОДҚАД** شمشادقد он ки қомати рости мавзун дорад.

**ШАМШОДҚОМАТ** شمشادقامت *ниг.* **шамшодқад.**

**ШАМЪ** *а.* شمع яке аз манбаъҳои равшандиҳанда, ки аз мум ё чарбу тайёр карда ба дарунаш пилта монда мегиронанд; **шамъ гирондан** шамъ афрӯхтан.

**ШАМЪГАР** شمعگر *ниг.* **шамърез**.

**ШАМЪГАРӢ** شمعگری шамърезӣ кардан.

**ШАМЪДОН** شمعدان зарфи махсусе, ки дар он шамъ мегузоранд.

**ШАМЪКУШАК** شمعکشک асбоби найчамонанди махсус, ки барои куштани шамъ истифода мешавад.

**ШАМЪҚАЙЧӢ** شمعقیچی василаи ба қайчӣ монанд, ки барои гирифтани пилтаи сӯхтаи шамъ ба кор бурда шавад.

**ШАМЪРЕЗ** شمعریز он ки шамъ тайёр мекунад.

**ШАМЪРЕЗӢ** شمعریزی 1. тайёр кардани шамъ. 2. корхонае, ки дар он шамъ истеҳсол мекунанд.

**ШАМЪСОН** شمعسان монанди шамъ, мисли шамъ гудозон.

**ШАМЪЧА** شمعچه шамъи хурду борик; шамъи истифодашуда

**ШАМЪЧАРОҒ** شمعچراغ чароғдон, ки дохили он шамъ гузошта мегиронанд.

**ШАНБАЛИД** شنبلید *бот.* гиёҳест, ки гули зардранги он бӯи тезу ғализ дорад ва бар сари роҳҳо мерӯяд.

**ШАНБЕ** شنبه рӯзи баъди ҷумъа.

**ШАНБЕГӢ** شنبه گی 1. *мансуб ба* **шанбе**. 2. ҳашари ҷамъиятӣ, ки барои корҳои умумӣ, бемузд рӯзҳои шанбе гузаронида мешавад.

**ШАНГ** شنگ ширинрафтор, хушрафтор, зариф, шӯх; зебо, хушрӯй; **шӯху шанг** шӯху зебо.

**ШАНГАРФ** شنگرف 1. яке аз навъҳои сангҳои маъданӣ–симоби гӯгирддор, ки гарди сурхи қаҳварангаш дар наққошӣ ба кор меравад. 2. кирми дароз, ки дар киштзор пайдо шуда, ғалларо нобуд мекунад.

**ШАНГИНА** شنگینه *кит.* чӯби говронӣ.

**ШАНГӢ** شنگی шӯхӣ, зарофат.

**ШАНГУЛ** شنگول *ниг.* **шанг**.

**ШАНГУЛА** شنگوله *ниг.* **шанг.**

**ШАНҒУ** شنغو *лаҳҷ.* бефаҳм, ақлгумкарда; **девонаи шанғу** девонаи гузаро.

**ШАНД** شند *кит.* минқор, нӯли паранда.

**ШАНДАФ** شندف *кит.* дуҳул, табл.

**ШАНЕЪ** *а.* شنیع *кит.* зишт, қабеҳ, нописанд; **амри шанеъ** кори қабеҳ, кори ношоиста.

**ШАНОАТ** *а.* شناعت зиштӣ, қабоҳат, кори ганда ва зишт.

**ШАНТАЖ** *фр.* شنتژ таҳдид, найранг.

**ШАПАЛАК** شپلک 1. шабпарак. 2. парвона.

**ШАПАЛОҚ** شپلاق шаппотӣ, силӣ, шаппотии ҷарангдор; **шапалоқ задан** шаппотӣ задан, силӣ задан.

**ШАПИДАН** شپیدن *лаҳҷ.* 1. задан, лат кардан. 2. сава кардан, тит-пит кардан, бо роҳи шапидан ба воситаи чӯб мулоим кардани пахтаи кӯҳна.

**ШАППОТӢ** شپاتی задан бо кафи даст ба рӯи касе, силӣ, шапалоқ, торсакӣ.

**ШАП-ШАП** شپشپ *калимаи тақлиди овози*: **помонӣ: шап-шапи по**.

**ШАР(Р)** *а.* شر бадӣ; *муқоб.* **некӣ**, **хайр**; **шар расондан ба** *касе* бадӣ кардан, зарар расондан.

**ШАРА** شره *ниг.* **шараҳ**.

**ШАРАҚҚОС** شرقّاس *калимаи тақлидии* овоз, ки овози ба ҳам задани ду чизро ифода мекунад.

**ШАРАҚҚОСЗАНӢ** شرقّاس‌زنی садои шараққос карда аз ҳам ҷудо шудани чизҳо.

**ШАРАҚҚОСӢ** شرقّاسی шараққосзананда; чизи нав (*оид ба пул, коғаз*).

**ШАРАҚ-ШАРАҚ** شرق شرق *ниг.* **шараққос**.

**ШАРАНГ** شرنگ 1. ҳанзал. 2. ҳар чизи талх, заҳр.

**ШАРАНГЕЗ** شرنگیز фитнакор, бадкор.

**ШАРАР** *а.* شرر *ниг.* **шарора**.

**ШАРАРАНГЕЗ** شررانگیز оташакпар, оташпош.

**ШАРАРАФШОН** شررافشان *ниг.* **шарорапош**.

**ШАРАРБОР** شرربار оташбор, шарорапош; **табъи шарарбор** истеъдоди хеле баланд ва ҳисси-ётбахш (*хусусан дар шеъргӯӣ*).

**ШАРАРПОШ** شررپاش *ниг.* **шарарфишон**.

**ШАРАРФИШОН** شررفشان *кит.* шарарпош, шӯълавар.

**ШАРАРФИШОНӢ** شررفشانی *кит.* 1. шарарпошӣ, шӯълаварӣ. 2. *маҷ.* таъсири зиёд.

**ШАРАФ** *а.* شرف 1. обрӯ, номус, шаън, ифтихор. 2. бузургворӣ, бузургӣ, баландии мақом ва насаб. 3. фазилат, бартарӣ, шарофат; **ба шарафи**... ба ҳурмати..., барои бузургдошти...

**ШАРАФЁБ** شرفیاب касе, ки ба шараф ва ифтихоре ноил шуда бошад; он ки ба ҳузури бузурге расидааст; **шарафёб шудан** (*ба ҳузури касе*) ба ифтихори қабули каси бузурге сазовор шудан.

**ШАРАФЁБӢ** شرفیابی шарафёб шудан; шарафманд шудан.

**ШАРАФМАНД** شرفمند бошарофат, баномус.

**ШАРАФНОК** شرفناک шарофатманд, бошарофат.

**ШАРАФОТ** *а.* شرفات 1. кунгураҳои иморатҳои олӣ; қасрҳо. 2. *маҷ.* баландиҳо.

**ШАРБАТ** *а.* شربت нӯшобаи ширин; оби мева ё фушурдаи он, ки бо шакар омехта пухта бошанд; доруи нӯшиданӣ.

**ШАРБАТДОР** شربت‌دار 1. хизматгоре, ки шарбат ва нӯшобаҳо дар ихтиёри ӯст. 2. мансаби махсус дар дарбори амирон, аз қабили дастархончӣ.

**ШАРБАТОБ** شربت‌آب обе, ки бо шираи пору омезиш ёфта ба киштзор ҷорӣ карда мешавад.

**ШАРБАТОБДИҲӢ** شربت‌آبدهی ба кишт шарбатоб додан.

**ШАРБАТПАЗӢ** شربت‌پزی оби мева ва ширaи он, ки бо шакар омехта мепазанд.

**ШАРБАТФУРӮШ** شربت‌فروش нӯшобафурӯш, фурӯшандаи шарбат.

**ШАРБАТФУРӮШӢ** شربت‌فروشی амали шарбатфурӯш.

**ШАРБАТХОНА** شربت‌خانه ҷои нигоҳ дории ширавор ва нӯшобаҳо (*дар зиёфат ва тӯйҳо*).

**ШАР(А)ЁН** *а.* شریان раги хунгард, раге, ки дар он хун мегардад.

**ШАР(А)ЁНӢ** شریانی *мансуб ба* **шараён**: **фишори шараёнӣ**.

**ШАРЗА** شرزه хашмгин ва зӯровар.

**ШАРИАТ** *а.* شریعت 1. оин, суннат, тариқат, дин. 2. *маҷ.* расм, одат. 3. роҳ ва қонунҳои дини Ислом.

**ШАРИАТГУЗОР** شریعت‌گذار ба шариат эҳтиромгузоранда, қонунҳои шариатро риоякунанда.

**ШАРИАТДОН** شریعت‌دان он ки аз аҳкоми шариат ба хубӣ огоҳ аст.

**ШАРИАТЗАДА** شریعت زده мардуди шариат, аз шариат рӯйгардонида.

**ШАРИАТМАДОР** شریعت‌مدار унвони рӯҳониёни олии Ислом.

**ШАРИАТПАНОҲ** شریعت‌پناه унвони рӯҳониёни мусулмон; унвони эҳтиромии қозиён.

**ШАРИАТПАРВАРӢ** شریعت‌پروری риоят кардани аҳкоми шариат.

**ШАРИДАН** شریدن равон ва ҷои шудан, шоридан.

**ШАРИК** *а.* شریک 1. ҳамроҳ, ҳамкор. 2. ҳамдарс, ҳамсабақ; **шарик шудан** ҳамроҳ шудан.

**ШАРИКДАВЛАТ** شریکدولت шарики молу давлат, касе ки бо дигаре дар молу сарват шарик аст.

**ШАРИКДАРС** شریکدرس ҳамсабақ, ҳаммактаб.

**ШАРИКДАСТ** شریک دست касе, ки дар коре бо каси дигар шарикӣ дорад.

**ШАРИКӢ** شریکی ширкат, ҳамкорӣ, ҳамдастӣ; **шарикӣ кардан** ҳамроҳ будан, ҳамдаст будан.

**ШАРИКОНА** شریکانه кори бо шарикӣ иҷрошаванда; **кори шарикона** кори якҷоя.

**ШАРИКУЛИҶОРА** *а.* شریکالاجاره он ки дар хонаи ба иҷора гирифта бо як ё чанд нафари дигар саҳмгузор аст.

**ШАРИКУЛМОЛ** *а.* شریکالمال касе ки бо ду ё чанд нафари дигар дар моле ё чизе баробар саҳм дорад.

**ШАРИР** *а.* شریر бадкор, бадкирдор, бадикунанда: **марди шарир, гурги шарир.**

**ШАРИРОНА** شریرانه бадкорона, бадкир-дорона.

**ШАРИФ** *а.* شریف 1. асил, наҷиб, соҳиби шараф ва ифтихор. 2. шарофатманд, обрӯманд. 3. муборак. 4. *маҷ.* пок ва муқаддас: **Қуръони Шариф, Бухорои Шариф.**

**ШАРҚ** *а.* شرق 1. ба тарафи офтоббаро, самти тулӯи Офтоб, Ховар, Ховар-замин; *муқоб.* **ғарб**. 2. мамлакатҳое, ки дар тарафи шарқи рӯи Замин воқеъ гаштаанд.

**ШАРҚИЁНА** شرقیانه махсус ба мардуми Шарқ, ба тарзи мардуми Шарқ, анъана ва урфу одатҳои Шарқ.

**ШАРҚИХОНӢ** شرقیخوانی сурудхонӣ.

**ШАРҚӢ** I شرقی 1. *мансуб ба* **шарқ**; ховарӣ; *муқоб.* **ғарбӣ**. 2. сокини машриқзамин, машриқӣ.

**ШАРҚӢ** II شرقی суруд, тарона.

**ШАРҚШИНОС** شرقشناس олиме, ки бо омӯхтани Шарқ ва забонҳои шарқӣ машғул аст, ховаршинос.

**ШАРҚШИНОСӢ** شرقشناسی маҷмӯи илмҳои доир ба Шарқ, омӯхтани Шарқ, ховаршиносӣ.

**ШАРМ** شرم 1. хиҷолат, ҳаё. 2. номус, ор; **шарм доштан (кардан**) шармидан, ҳаё кардан, изо кашидан.

**ШАРМАНДА** شرمنده шармсор, хиҷолатзада, хиҷил; **шарманда кардан** *касеро* дар хиҷолат монондан, беобрӯ кардан (*касеро бо фош кардани ягон кори қабеҳи он*); **шарманда шудан** дар хиҷолат мондан.

**ШАРМАНДАВОР** شرمندهوار мисли шарманда, хиҷолаткашида.

**ШАРМАНДАГӢ** شرمندگی шармсорӣ, шарманда будан, хиҷолат, хиҷолатмандӣ.

**ШАРМГИН** شرمگین бошарм, боҳаё, хиҷолаткашанда.

**ШАРМГИНӢ** شرمگینی хиҷолат, шармсорӣ, шармдорӣ.

**ШАРМГИНОНА** شرمگینانه хиҷолатомез, шармсорона, дар ҳолати шарм ва ҳаё.

**ШАРМГОҲ** شرمگاه узви таносули мард ё зан.

**ШАРМДОР** شرم دار *ниг.* **шармгин**.

**ШАРМДОРАНДАГӢ** شرمدارندگی шармгинӣ, шармсорӣ.

**ШАРМЗАДА** شرمزده шармдошта аз амали норавои худ.

**ШАРМИДАН** شرمیدن шарм кардан, хиҷолат кашидан.

**ШАРМИН** شرمین шармгин, шармдор.

**ШАРМНОК** شرمناک шармгин, изокаш, он ки шарму ҳаё дорад.

**ШАРМОВАР** شرمآور он чи боиси шарм ва хиҷолат мешавад.

**ШАРМОМЕЗ** شرم آمیز шармгинона.

**ШАРМСОР** شرمسار шарманда, хиҷил; шармгин, хиҷолатманд; **шармсор кардан** шарманда кардан, дар хиҷолат монондан.

**ШАРМСОРӢ** شرمساری ҳолати шармсор; хиҷолат, шармандагӣ.

**ШАРМҶОЙ** شرمجای *ниг.* **шармгоҳ.**

**ШАРОБ** *а.* شراب 1. нӯшиданӣ, нӯшоба. 2. май, бода, мусаллас.

**ШАРОБДОР** شراب‌دار мутасаддии шаробхона (*анбори нигоҳдошти шароб*)-и подшоҳон дар давраи пешин, соқӣ.

**ШАРОБДӮСТ** شراب‌دوست он ки май ва арақнӯширо дӯст медорад.

**ШАРОБЗАДА** شراب‌زده майзада, касе, ки шаробнӯшӣ ба вай одат шудааст, майхора.

**ШАРОБЗАДАГӢ** شراب‌زدگی майхорагии доимӣ, майнӯшии ҳамешагӣ.

**ШАРОБӢ** شرابی 1. ранги арғувонӣ. 2. *ниг.* **шаробнӯш**; соқӣ.

**ШАРОБКАШ** شراب‌کش соқӣ, шаробрез.

**ШАРОБНӮШ** شراب‌نوش он ки шароб ва умуман нӯшобаҳои масткунанда менӯшад.

**ШАРОБНӮШӢ** شراب‌نوشی майхорагӣ, бодапарастӣ.

**ШАРОБПАЗ** شراب‌پز он ки май тайёр мекунад, тайёркунандаи май ва мусаллас аз ангур.

**ШАРОБПАЗӢ** شراب‌پزی шаробсозӣ, мусалласпазӣ.

**ШАРОБРЕЗ** شراب ریز *ниг.* **шаробкаш**.

**ШАРОБСОЗ** شراب ساز *ниг.* **шаробпаз**.

**ШАРОБСОЗӢ** شراب‌سازی амали шаробсоз, шаробпазӣ.

**ШАРОБФУРӮШ** شراب‌فروش он ки касбаш фурӯхтани шароб аст, фурӯшандаи шароб.

**ШАРОБФУРӮШӢ** شراب‌فروشی 1. касби шаробфурӯш. 2. ҷое, ки дар он шароб мефурӯшандмайкада.

**ШАРОБХОНА** شراب‌خانه майхона, майкада, ҷои шаробнӯшӣ.

**ШАРОБХОРА** شراب‌خواره шаробзада, майзада.

**ШАРОБХОРАГӢ** شراب‌خوارگی шаробзадагӣ, майхорагӣ, шаробхӯр будан.

**ШАРОБХӮР** شراب خور *ниг.* **шаробнӯш**.

**ШАРОБХӮРӢ** شراب‌خوری майнӯшӣ, шаробнӯшӣ.

**ШАРОБШИНОС** شراب شناس 1. мутахассиси соҳаи истеҳсоли шароб, энолог. 2. он ки шаробро қадр мекунад.

**ШАРОБШИНОСӢ** شراب‌شناسی соҳаи махсуси истеҳсоли шароб.

**ШАРОИН** *а.* شراین *ҷ.* **шараён**.

**ШАРОИТ** *а.* شرائط *ҷ.* **шарт**. 1. талабҳое, ки яке аз ду тарафи имзокунандагони шартнома ба миён мегузорад. 2. вазъият, аҳвол, вазъ; **шароити кор** аҳволи кор, чигунагии вазъияти кор.

**ШАРОКАТ** *а.* شراکت шарик шудан, ҳамроҳ ва ҳамкор шудан дар коре ё муассисае.

**ШАРОКАТӢ** شراکتی шарикӣ кардан, ҳамроҳӣ намудан.

**ШАРОКАТНОМА** شراکت‌نامه ҳуҷҷат дар бораи ҳамкор ва шарик будан дар коре ё соҳае.

**ШАРОР** *а.* شرار 1. *ниг.* **шаршара**. 2. оташ.

**ШАРОРА** شراره оташпораҳои ҷаҳанда, ҷиризқа; **шарора задан** ба ҳаво ҷастани оташпораҳо; аланга зада баромадан.

**ШАРОРАБАРОРӢ** شراره‌براری оташрезӣ, оташафшонӣ.

**ШАРОРАБОР** شراره‌بار 1. оташрез, оташфишон. 2. пурҷӯшу хурӯш: **дили шарорабор**; **чашмони шарорабор** чашмони оташрез ва шарорапош.

**ШАРОРАДОР** شراره‌دار 1. он чи аз он шарора мепарад. 2. *маҷ.* ҷаззоб: **чашмони шарорадор**.

**ШАРОРАНИШОН** شراره نشان шароракуш.

**ШАРОРАОЛУД** شراره آلود шароранок.

**ШАРОРАПОШ** شراره پاش *ниг.* **шарорабор**.

**ШАРОРАТ** *а.* شرارت 1. бадӣ кардан, зиён расондан ба касон; бадӣ, бадкорӣ, бадкирдорӣ. 2. фитнаангезӣ.

**ШАРОРАТОМЕЗ** شرارت‌آمیز бадкорона, фитнаангезона.

**ШАРОРАТПЕША** شرارت‌پیشه он ки пешааш бадкорӣ ва фитнаангезист.

**ШАРОФАТ** *а.* شرافت бошараф будан, бузургқадр будан; бошарафӣ, обрӯмандӣ; **аз (ба) шарофати**... ба туфайли ..., аз лутф ва марҳамати..., дар сояи...

**ШАРОФАТМАНД** شرافتمند бошараф, бообрӯ, шариф, наҷиб.

**ШАРОФАТМАНДӢ** شرافتمندی бошараф будан, шарифӣ, наҷибӣ.

**ШАРОФАТМАНДОНА** شرافتمندانه аз рӯи шаро-

фат, бо шарофат, бо риояти ҳайсият ва обрӯмандӣ.

**ШАРР** *а.* شرّ *ниг.* **шар(р)**.

**ШАРРАҚӢ** شرّقی *калимаи тақлиди овоз*; **шараққӣ кардан** якбора овоз баровардан: **қулф шараққӣ карда дар кушода шуд**.

**ШАРРОС** شرّاس садои чараёни тези об аз баландӣ; **шаррос задан** паёпай бо ғулғула рехтани об; ◊ **шаррос зада хондан** *чизеро* равон ва дарнамонда хондан, озод хондан.

**ШАРРОСӢ** شرّاسی **:шарросӣ аз ёд кардан** *гуфт.* дарс ё шеърро нағз ва пухта донистан ва аз ёд бурро гуфта тавонистан.

**ШАРРУННОС** *а.* شرالناس бадтарини одамон.

**ШАРТ** *а.* شرط 1. қарор, паймон, аҳд, қавлу қарор: **шарт бастан** қавлу қарор кардан. 2. лозим шумурдан ва алоқаманд гардидани чизе ба чизе; **шарт будан** лозим будан, зарур дониста шудан; **шарт мондан** ичрои қарору аҳди худро пеш гузоштан.

**ШАРТАКИГӮӢ** شرتکی گویی рӯирост ва беистиҳола гуфтани гапе.

**ШАРТАКИГӮЙ** شرتکی گوی *гуфт.* он ки гапро бетакаллуф ва бемулоҳиза росту пӯстканда мегӯяд.

**ШАРТАН** *а.* شرطاً ба тарзи шарт, аз рӯи шарт, шартӣ; нисбӣ, нисбатан; **шартан ҳамин тавр номидан** шартан номгузорӣ кардан.

**ШАРТБАНДӢ** شرطبندی *исми амал аз* **шарт бастан**; барои исботи дурустии даъво чизеро ба гарав мондан.

**ШАРТДОР** شرطدار дорои шарту шароит, бо шарту шароит.

**ШАРТИКУНОН** شرتی کنان шартӣ карда, якбора.

**ШАРТӢ** I شرطی чизи пешакӣ муқаррар кардашудаи рамзӣ, ки фақат ба муқаррар-кунандагон маълум аст, машрут.

**ШАРТӢ** II شرتی якбора, бемулоҳиза, беистиҳола: кореро шарти кардан.

**ШАРТНОМА** شرطنامه паймоннома, аҳднома, қарордод; **шартнома бастан** ӯҳдадорӣ бастан.

**ШАРТНОМАБАНДӢ** شرط نامه بندی *исми амал аз* **шартнома бастан**; қарордод бастан.

**ШАРТНОМАВӢ** شرطناموی *мансуб ба* **шартнома**; **ӯҳдадориҳои шартномавӣ** ӯҳдадорие, ки дар шартнома қайду шарт шудаанд.

**ШАРТНОМАДОР** дорои шартнома, бо шартнома.

**ШАРТНОМАПАЗИР** شرطنامه‌پذیر қобили шартнома будан.

**ШАРТ-ШУРТ** شرتشرت якбора, бе ҳеҷ фосила.

**ШАРФА** I شرفه *кит.* кунгураи биноҳои бошукӯҳ.

**ШАРФА** II شرفه садо, овоз: **шарфаи по** садои по, садои помонӣ.

**ШАРҲ** *а.* شرح 1. баён кардан, тавзеҳ кардан; баён, тавзеҳ ва маънидод кардани ягон масъалаи илмӣ; **шарҳи ҳол** баёни аҳвол ва зиндагонии шахсӣ, ҳолнома. 2. китобҳое, ки махсус дар тавзеҳ ва баёни ягон асар навишта мешавад: **шарҳ додан (кардан)** маънидод кардан, баён кардани мазмуни чизе.

**ШАРҲА** *а.* شرحه порча, луқма; порчаи гӯшт, буридаи гӯшт; **шарҳа-шарҳа** порча-порча.

**ШАРҲДИҲАНДА** شرح‌دهنده он ки китобе ё масъалаеро шарҳ дода ҷойҳои душвори онро мефаҳмонад.

**ШАРҲДИҲӢ** شرح دهی *исми амал аз* **шарҳ додан**.

**ШАРҲДОР** شرح‌دار дорои шарҳу тавзеҳ, тафсирдор.

**ШАР-ШАР** شرشر садои резиши об, обшор.

**ШАРШАРА** شرشره ҷои рост аз боло ба поён рехтани об, обшорон.

**ШАРЪ** *а.* شرع 1. *ниг.* **шариат**. 2. қонун, қоида.

**ШАРЪАН** *а.* شرعاً мувофиқи шаръ, аз рӯи шариат.

**ШАРЪӢ** شرعی *мансуб ба* **шаръ**: **ваҷҳи шаръӣ, сабаби шаръӣ, далели шаръӣ; таклифи шаръӣ** аҳком ва қавоиде, ки ичрои он ба ҳар як мусулмони болиғ фарз аст.

**ШАССӢ** *фр.* شسّی 1. рамаи автомобил бо ҳамаи қисмҳои механикиаш, ки дар он насб шудааст. 2. қисми ҳавопаймо, ки ба он имконияти ба рӯи замин ҳаракат карданро медиҳад (*чарх ва механизмҳои ба он вобаста*).

**ШАСТ** I شست//شصت *шумораи миқдорӣ* шаш бор даҳ, 60.

**ШАСТ** II شست қуллоби моҳигирӣ, банд; **аз шасти** *чизе* **раҳоӣ ёфтан** аз банд ва чанголи чизе халос шудан.

**ШАСТ** III شست бо суръат, чобук ва тез ҳаракат кардани ягон чиз; **аз шаст фуромадан** кам ва суст шудани гирифтугири касе дар коре, паст шудани дағдаға ва дӯғу пӯписаи касе.

**ШАСТГИР** شستگیر тирандоз аз камон, камондор.

**ШАСТСОЛА** شصتساله он ки аз умраш шаст (60) сол гузаштааст.

**ШАСТСОЛАГӢ** شصت سالگی шаст сол пур шуда, шастсола будан.

**ШАСТУМ** شصتم *шумораи тартибӣ аз* **шаст**.

**ШАСТУМИН** شصتمین *мансуб ба* **шастум**; касе ё чизе, ки дар шумораи шаст қарор дорад.

**ШАТ(Т)** *а.* شط 1. канори дарё, соҳил. 2. рӯди бузург, дарё. 3. номи дарёи бузург, ки дар Ироқ аз баҳам пайвастани дарёҳои Даҷла ва Фурот ба вуҷуд омадааст, Шаттуларaб.

**ШАТАК** شتک аспи дигарро ҳамроҳи аспи асосӣ ба ароба бастан; **шатак кардан** асперо дар ароба ба паҳлӯи аспи асосӣ бастан.

**ШАТАКБАНДӢ** شتکبندی бастани шатак, шатак кардан.

**ШАТАКЧӮБ** شتکچوب чӯби махсус барои бастани аспҳо ба ароба.

**ШАТАЛ** *а.* شتل маблағе, ки қиморбоз пас аз бурдани пули ҳариф ба тариқи инъом ба дигарон медиҳад, чӯтал.

**ШАТАН** *а.* شطن таноб, ресмон, расани дароз.

**ШАТМ** *а.* شتم дашном додан, ҳақорат кардан; **зарбу шатм** шаллоқу дашном.

**ШАТР** *а.* شطر 1. нимаи ягон чиз; ҷузъ, пора; **шатре** қадре, каме, андаке. 2. ҷониб, сӯй, тараф.

**ШАТРАМА** شترمه шӯх, бесар.

**ШАТРАНГ** شترنگ *ниг.* **шатранҷ**.

**ШАТРАНҶ** شطرنج шоҳмот.

**ШАТРАНҶБОЗ** شطرنج باز шоҳмотбоз, он ки дар ин бозӣ маҳорат дорад.

**ШАТРАНҶБОЗӢ** شطرنج بازی шоҳмотбозӣ.

**ШАТРАНҶӢ** شطرنجی *кит.* шоҳмотбоз, шатранҷбоз.

**ШАТТА** شتّه *гуфт.* **шаллоқ**; **шатта задан** ба касе бо даст, по чизи дигаре зарба задан; **шатта хӯрдан** зада шудан, кӯфта шудан, шаллоқ хӯрдан; **шатта аз ҷони** *касе* **гузаштан** сахт таъсир кардани зарбаи шаллоқ.

**ШАТТОҲ** *а.* شطّاح берӯй, густох, бешарм.

**ШАТТОҲӢ** شطاحی густохӣ, берӯӣ

**ШАТУН** *р.* شتون як қисми техникӣ дар муҳаррик (мотор).

**ШАТҲ** *а.* شطح 1. *дар тасаввуф* - суханони мухолифи зоҳири шаръ гуфтан ва калимоти мухолифи шариат ба забон овардан. 2. суханҳои бешармонаи густохона.

**ШАФАҚ** *а.* شفق сурхии нури Офтоб вақти ғуруб ва ё саҳаргоҳон пеш аз тулӯъ.

**ШАФАҚАТ//ШАФҚАТ** *а.* شفقت меҳрубонӣ, дилсӯзӣ, марҳамат, тараҳҳум.

**ШАФАҚГУН** شفقگون *маҷ.* сурхранг.

**ШАФАҚӢ** شفقی *кит. мансуб ба* **шафақ**.

**ШАФАҚОСО** شفقآسا монанди шафақ, сурхранг.

**ШАФАҚРАНГ** شفقرنگ ба ранги шафақ, сурхранг.

**ШАФАҚРУХСОРА** شفقرخساره *кит. киноя аз* сурхрӯ, гулчеҳра

**ШАФАТ** شفت паҳлуи чизе, назди чизе; **дар шафати**... дар паҳлӯи..., дар назди...

**ШАФЕЪ** *а.* شفیع шафоаткунанда, он ки барои дигаре илтимоси афв ва ё ёрмандӣ мекунад, восита; **шафеъ овардан** касеро восита қарор додан.

**ШАФИҚ** *а.* شفیق меҳрубон, дилсӯз; **рафиқи шафиқ** дӯсти меҳрубон.

**ШАФИҚОНА** شفیقانه бо меҳрубонӣ, аз рӯи дилсӯзӣ, дилсӯзона.

**ШАФИРА** شفیره *зоол.* зочаи кирмак.

**ШАФҚАТОМЕЗ** شفقتآمیز меҳрубонона, дилсӯзона, раҳмдилона.

**ШАФОАТ** *а.* شفاعت илтимос, талаби афв ё ёрмандии касе ба касе; **шафоат кардан** восита шудан, илтимоси афв барои касе.

**ШАФОАТГАР** شفاعتگر *ниг.* **шафеъ.**

**ШАФОАТКУНАНДА** شفاعتکننده *ниг.* **шафеъ.**

**ШАФОАТНОМА** شفاعتنامه номае, ки бо хоҳише, бештар бо хоҳиши афви гуноҳе навишта мешавад.

**ШАФОАТТАЛАБ** شفاعتطلب *ниг.* **шафоатхоҳ.**

**ШАФОАТТАЛАБӢ** شفاعتطلبی *ниг.* **шафоатхоҳӣ.**

**ШАФОАТХОҲ** شفاعتخواه толиби шафоат, хоҳони шафоат, шафоатталаб.

**ШАФОАТХОҲӢ** شفاعتخواهی шафоатталабӣ, шафоатхоҳ будан.

**ШАФРА** شفره теғи(корди) мӯзадӯзӣ.

**ШАФТАРАНГ** شفترنگ меваест аз ҷинси шафтолу, бештар сурху сафед аст.

**ШАФТОЛУ** شفتالو *бот.* дарахт ва меваи сершираи хуштамъи он, ки донаҳои калон ва сахту талх дорад.

**ШАФТОЛУГИН** شفتالوگین хӯрданӣ ё нӯшидание, ки аз меваи шафтолу тайёр шудааст: **мураббои шафтолугин**.

**ШАФТОЛУГӢ** شفتالوگی *ниг.* **шафтолугин**.

**ШАФТОЛУГУЛ** شفتالوگل (нусхаи) гули шафтолу.

**ШАФТОЛУЗОР** شفتالوزار боғи дарахтони шафтолу.

**ШАФТОЛУҚОҚ** شفتالوقاق шафтолуи хушк.

**ШАФТОЛУОБ** شفتالوآب шираи шафтолу, шарбати шафтолу.

**ШАФТОЛУРАНГ** شفتالورنگ ранги зарди сурхтоб.

**ШАФФОФ** شفّاف 1. он чи мисли булӯр ва шиша соф буда, аз паси он чизҳои дигар дида мешавад. 2. тобон, дурахшон (*монанди булӯр*); соф, беғубор, зулол.

**ШАФФОФИЯТ** *а.* شفّافیت 1. *ниг.* **шаффофӣ**. 2. *маҷ.* вазъу ҳолати ошкоро.

**ШАФФОФӢ** شفّافی дурахшандагӣ, тобандагӣ; софӣ, зулолӣ, беғуборӣ.

**ШАФША** شفشه *кит.* 1. шохи дарахт. 2. шӯшаи тилло ё нуқра. 3. нахи тилло ё нуқра, симҳои борики тилло ва нуқра. 4. чӯбе, ки ҳаллоҷон пахтаро ба он мезананд, савачӯб.

**ШАФ-ШАФ** شف شف холӣ аз маънӣ: ◊ **шаф-шаф нагуфта, шафтолу гуфтан** якбора равшану пӯстканда суханро гуфтан, гапро дароз накардан.

**ШАФШОҲАНГ** شفشاهنگ *кит.* тахтаи оҳан, ки сӯрохҳои майда ва калон дорад; заргарон симҳои тилло, нуқра ва ғайраро барои борик кардан аз он гузаронда мекашанд, кирётахта.

**ШАХ I** شخ 1. маҳкам, устувор, қат ва хамнашаванда. 2. карахтшуда, беҳисшуда *(ягон узви бадан)*; карахт.

**ШАХ II** شخ кӯҳпора, сахра; кӯҳ.

**ШАХДАМ** شخدم :**дари шахдам** даре, ки ба сахтӣ кушода ва баста шуда, дар вақти кушодану пӯшидан садо медиҳад.

**ШАХДАСТ** شخدست 1. сахтдаст. 2. *маҷ.* мумсик, хасис.

**ШАХЗАМИН** شخزمین замини сахти киштнобоб.

**ШАХӢ** شخی шах (I) будан.

**ШАХКАМОН** شخکمان тирандозе, ки зеҳи камони ӯ сахту таранг бошад, кашидани чунин камон далели қуввати зиёд аст.

**ШАХКАМОНӢ** شختکمانی 1. пурзӯрӣ, тавоноӣ. 2. *маҷ.* сахтдилӣ, сангдилӣ, бераҳмӣ.

**ШАХКОСА** شخ کاسه *кит.* жола, яхча.

**ШАХНАВАРД** شخنورد кӯҳу кӯталгард, кӯҳнавард (*сифати аспи тездав*).

**ШАХОР** شخار *кит.* ишқор.

**ШАХПОРА** شخ پاره пораи шах, кӯҳпора.

**ШАХС** *а.* شخص кас, одам, нафар.

**ШАХСАН** *а.* شخصاً бевосита, бевосита худ.

**ШАХСИЯТ** شخصیت 1. хислати хоси фардии ҳар кас, ки ӯро аз дигарон фарқ мекунонад. 2. иззати нафс, ҳайсият.

**ШАХСИЯТПАРАСТ** شخصیتپرست он ки шахсиятпараст аст; он ки ба шахсе сари итоату парастиш фуруд овардааст.

**ШАХСИЯТПАРАСТӢ** شخصیتپرستی парастиши шахс; шахспарастӣ.

**ШАХСӢ** شخصی *мансуб ба* **шахс**; оид ба шахси худ; фардӣ, хусусӣ: **манфиати шахсӣ** манфиати фардии касе; **ғарази шахсӣ** а)

душмании шахсӣ; б) дар коре дар назар доштани манфиати шахсии худ; **ҳайати шахсӣ** а) афроди мансуб ба идора ё муассиса; б) тамоми афроди фармондеҳон ва тобеони як дастаи аскарӣ.

**ШАХСОНИЯТ** شخصانیت ғараз, ғараз доштан ба касе, душманӣ ва адовати шахсӣ.

**ШАХСПАРАСТӢ** شخص‌پرستی боло бардории мавқеи як шахс, нисбат додан ба вай он сифатҳое, ки дар воқеъ надорад.

**ШАХУДАН** شخودن *кит.* харошидан ва реш намудан бо нохун.

**ШАХУЛИДАН** شخولیدن *кит.* бонгу фарёд кардан, дод задан; ҳуштак кашидан.

**ШАХЧА** شخچه девораи ростбаромадаи кӯҳ.

**ШАХЧИЛАВ** شخچلو саркаш, гарданшах (*оид ба* асп).

**ШАХШ** شخش *кит.* кӯҳна *(оид ба* ҷома, пӯстин *ва г.*).

**ШАХШАВӢ** شخشوی шах I (2) шудан.

**ШАХШИДАН** شخشیدن *кит.* лағжидан; аз ҷо афтидан.

**ШАХШУДА** شخ‌شده сахтшуда, қоқшуда; аз ҳаракат монда.

**ШАХШУДАМОНДА** شخ‌شده‌مانده беҳаракатмонда, аз ҷунбиш бозмонда.

**ШАХШӮЛ** شخشول ноҳамвор, носуфта, дағарбуғур; **дастҳои шахшӯл** дастҳои аз кори ҷисмонӣ сахту дуруштшуда.

**ШАХШӮЛӢ** شخشولی ноҳамворӣ, дағар-буғурӣ, дурруштӣ.

**ШАҲ** شه *ниг.* **шоҳ**.

**ШАҲАВОТ** *а.* شهوات *ҷ.* **шаҳват**.

**ШАҲАНШОҲ** شهنشاه *ниг.* **шоҳаншоҳ**.

**ШАҲБАЙТ** شه‌بیت *ниг.* **шоҳбайт**.

**ШАҲБОЗ** شهباز *ниг.* **шоҳбоз**.

**ШАҲБОЛ** شهبال бузургтарин пар аз парҳои боли мурғ, шаҳпар; бол.

**ШАҲВАТ** *а.* شهوت орзу ва майли сахт барои расидан ба ягон талаби нафс; майл ба ҷимоъ.

**ШАҲВАТАНГЕЗ** شهوت‌انگیز ба вуҷудоварандаи шаҳват.

**ШАҲВАТНОК** شهوتناک он ки ҳисси шаҳвониаш зиёд бошад, шаҳватпараст.

**ШАҲВАТОМЕЗ** شهوت‌آمیز чизе ё амале, ки боиси бедории ҳиссиёти шаҳвонӣ мешавад.

**ШАҲВАТПАРАСТ** شهوت پرست касе, ки аз пайи майлҳои нафсонӣ меравад; ҳарис ба ҷимоъ; фосиқ, бадахлоқ.

**ШАҲВАТПАРАСТӢ** شهوت‌پرستی шаҳватпараст будан, ба шаҳват дода шудан.

**ШАҲВАТПАРАСТОНА** شهوت‌پرستانه бо ҳисси шаҳвонӣ; фосиқона: **нигоҳи шаҳватпарастона**.

**ШАҲВАТРОНӢ** شهوت‌رانی ба шаҳват дода шудан; шаҳватпарастӣ.

**ШАҲВОНӢ** شهوانی *мансуб ба* **шаҳват**; **қувваи шаҳвонӣ** қуввае, ки касро ба сӯи шаҳват мебарад.

**ШАҲВОР** شهوار *ниг.* **шоҳвор**.

**ШАҲД** *а.* شهد асал, ангубин; ширинӣ.

**ШАҲДБОР** شهدبار 1. ширин. 2. *маҷ.* ширингуфтор.

**ШАҲДГУФТОР** شهدگفتار 1. ширинзабон, хушгап. 2. *киноя аз* **маҳбуба**.

**ШАҲДДОР** شهددار бо асал махлутшуда, хӯрданӣ ё доруи бо асал омехташуда.

**ШАҲДӢ** شهدی *ниг.* **шаҳддор**.

**ШАҲДРЕЗ** شهد ریز *ниг.* **шаҳдбор**.

**ШАҲДХАНД** شهدخند он ки хандаи малеҳу дилкаш дорад.

**ШАҲЗОДА** شهزاده *ниг.* **шоҳзода**.

**ШАҲЗОДАГӢ** شهزادگی *кит., ниг.* **шоҳзодагӣ**.

**ШАҲИД** I *а.* شهید 1. кушташуда дар роҳи дин. 2. умуман кушташуда дар роҳи кори ҳақ; кушташудаи бегуноҳ; **шаҳид шудан** кушта шудан.

**ШАҲИД** II شهید *а. ниг.* **шоҳид**.

**ШАҲИҚ** *а.* شهیق *кит.* овози баланди хар, ҳангос задани хар.

**ШАҲИН** شهین *ниг.* **шоҳин**.

**ШАҲИР** *а.* شهیر маъруф, машҳур, номдор.

**ШАҲӢ** I شهی *ниг.* **шоҳӣ**.

**ШАҲӢ** II *а.* شهی *кит.* ҷалбкунандаи майлу орзу; форам.

**ШАҲКОСА** شه کاسه *ниг.* **шоҳкоса**.

**ШАҲҚА** *а.* شهقه *кит.* бонг бо овози баланд.

**ШАҲЛО** *а.* شهلا 1. зани мешчашм. 2. чашми сиёҳи калони зебо; **наргиси шаҳло** чашми зебои дилфиреб.

**ШАҲЛОЧАШМ** شهلاچشم он ки чашмони калон-калони зебо дорад.

**ШАҲЛУТ** شهلوت навъи хӯрок аз чарбу.

**ШАҲМ** *а.* شهم чарбу, равғани дарунии гӯсфанд, буз, гов *ва г.*

**ШАҲНА** *а.* شهنه *таър.* посбони шаҳр, миршаб, доруға, сардори шабгардон.

**ШАҲНАГӢ** شهنگی *кит.* вазифа ва амали шаҳна.

**ШАҲНАГОҲ** شهنه گاه миршабхона.

**ШАҲНАЙ** شهنی *мус.* як навъи най.

**ШАҲНИШИН** شه‌نشین 1. *таър.* ҷои нишасти подшоҳон. 2. ҷои аз фарши хона андак баланд дар пешгоҳ барои меҳмонони баландқадр.

**ШАҲНОЗ** شهناز яке аз мақомҳои фаръии “Шашмақом”.

**ШАҲНОЙ** شهنای *ниг.* **шаҳнай**.

**ШАҲОБ** *а.* شهاب *ниг.* **шиҳоб**.

**ШАҲОБРАНГ** شهاب رنگ ба ранги сурх.

**ШАҲОДАТ** *а.* شهادت 1. шаҳид шудан, кушта шудан (*дар роҳи дин*); **ба шаҳодат расидан** шаҳид шудан. 2. шоҳидӣ, гувоҳӣ додан; **шаҳодат додан** гувоҳ шудан; **калимаи шаҳодат** фикраи махсуси “лоилоҳа-иллаллоҳ”, ки ба забон овардани он расмияти мусулмонист.

**ШАҲОДАТГОҲ** شهادتگاه ҷои кушта шудан, ҷои шаҳид шудан.

**ШАҲОДАТНОМА** شهادتنامه ҳуҷҷат, ки ягон ҳуқуқи воқеиро тасдиқ мекунад; ҳуҷҷати шиносномаи шахсӣ, ҳуҷҷат барои таҳсил, касб ё ихтирои шахсӣ; **шаҳодатномаи таваллуд** зоднома.

**ШАҲОМАТ** *а.* شهامت далерӣ, нотарсӣ, бебокӣ.

**ШАҲПАР//ШОҲПАР** شاهپر//شهپر *ниг.* **шаҳбол**.

**ШАҲР** I شهر 1. ободии калони сернуфус, ки маркази маъмурӣ, тиҷоратӣ ва саноат аст: **шаҳри марказӣ, шаҳри саноатӣ; шаҳри сераҳолӣ.** 2. *кит.* кишвар, сарзамин, мамлакат.

**ШАҲР** II *а.* شهر *кит.* моҳи сол.

**ШАҲРАК** شهرک 1. шаҳри хурд, шаҳрча. 2. маркази аксари ноҳияҳо дар Тоҷикистон.

**ШАҲРАФРӮЗ** شهرافروز яке аз аз оҳангҳои мусиқии классикии шарқӣ.

**ШАҲРБАНД** شهربند 1. девори қалъа, ҳисор. 2. маҳбус, зиндонӣ.

**ШАҲРВАНД** شهروند аҳолии расмии шаҳр ё кишвар.

**ШАҲРВАНДӢ** شهروندی *марбут ба* **шаҳрванд**; табаа.

**ШАҲРДИДА** شهردیده касе, ки дар шаҳр буда, аз тартибу кордориҳои шаҳр бохабар аст.

**ШАҲРДОР** شهردار он ки масъулияти идора намудани шаҳрро дар ӯҳда дорад, мири шаҳр, раиси шаҳр.

**ШАҲРДОРӢ** شهرداری 1. амал ва вазифаи шаҳрдор. 2. маркази идораи шаҳр, ҳукумати шаҳр, баладия.

**ШАҲРИВАР** شهریور моҳи шашуми соли шамсӣ (мутобиқи сунбула), ки ба 23 август- 22 сентябр рост меояд.

**ШАҲРИВАРӢ** شهریوری *кит.* 1. *мансуб ба* **шаҳривар**. 2. аввали фасли тирамоҳ: **абри шаҳриварӣ**.

**ШАҲРИЁНА** شهریانه ба тартибу қоидаи шаҳрӣ.

**ШАҲРИЁР** شهریار *кит.* подшоҳ, шоҳ.

**ШАҲРИЁРӢ** شهریاری 1. *мансуб ба* **шаҳриёр**; оид ба шаҳриёр. 2. подшоҳӣ, шоҳӣ.

**ШАҲРИСТОН** شهرستان *кӯн.* шаҳри калоне, ки қалъа ва дар гирдогирдаш ҳисор дорад, гирду атрофи арк, шористон, шорсон; шаҳр.

**ШАҲРИСТОНӢ** شهرستانی *мансуб ба* **шаҳристон**; шаҳрӣ.

**ШАҲРӢ** شهری 1. *мансуб ба* **шаҳр**: **китобхонаи шаҳрӣ**. 2. аҳли шаҳр, сокини шаҳр.

**ШАҲРНИШИН** شهرنشین муқим дар шаҳр.

**ШАҲРОРОЙ** شهرآرایی зебу оро додани шаҳр ба

ягон муносибат.

**ШАҲРОҲ** شهراه *ниг.* **шоҳроҳ**.

**ШАҲРОШӮБ** شهرآشوب 1. он ки шаҳреро ба ошӯб меандозад, он ки дар ҳусну ҷамол шаҳреро ба шӯр овардааст. 2. шӯрангез. 3. як навъи шеър, ки мазмуни шӯху шӯрангез дорад.

**ШАҲРОШӮБОНА** شهرآشوبانه ба тaври шаҳрошӯб; шӯрангезона.

**ШАҲРУХ** شهرخ дар бозии шатранҷ якбора расидани кишти асп ҳам ба шоҳ, ҳам ба рух.

**ШАҲРРӮД** شهررود рӯди асосие, ки шаҳрро бо об таъмин мекунад.

**ШАҲРӮД** شهرود 1. *ниг.* **шоҳрӯд**. 2. номи рӯде дар Эрон.

**ШАҲРСОЗ** شهرساز он ки дар сохтану бино кардан ва ободии шаҳр саҳмгузор аст, он ки шаҳр месозад.

**ШАҲРСОЗӢ** شهرسازی бино кардани шаҳр, сохтани шаҳр.

**ШАҲРТОШ** شهرتاش *кит.* ҳамшаҳрӣ.

**ШАҲРЧА** شهرچه шаҳри хурд; қасаба.

**ШАҲСАВОР** شهسوار *ниг.* **шоҳсавор**.

**ШАҲСУТУН** شهستون *ниг.* **шоҳсутун**.

**ШАҲСУФА** شه صفه суфаи калони баланд.

**ШАҲТОР** شه تار *мус.* тори ғафсу асосии асбоби мусиқии тордор.

**ШАҲТУТ** شهتوت *ниг.* **шоҳтут**.

**ШАҲҶӮЙ** شهجوی ҷӯи калон, наҳр.

**ШАҲШАРОБ** شهشراب навъи майи (шароби) олӣ.

**ШАҶАН** *а.* شجن *кит.* ғам, андӯҳ.

**ШАҶАР** *а.* شجر *кит.* дарахт.

**ШАҶАРА** *а.* شجره рӯйхати номи аҷдоди касе, насабнома, шаҷаранома.

**ШАҶАРӢ** شجری 1. *мансуб ба* **шаҷар**; дорои нишона ё аломате аз дарахт. 2. навъи хати арабӣ-форсӣ ва ҳисоби абҷад, ки шакли ҳарфҳо ба шохаҳои дарахт монанданд.

**ШАҶАРАНАВИС** شجره‌نویس он ки насабномаи авлодро навишта бошад.

**ШАҶАРНОМА** شجرنامه *ниг.* **шаҷара**.

**ШАҶИР** *а.* شجیر *кит.* тир.

**ШАҶОМ** شجام *кит.* сармои сахт.

**ШАШ** شش *шумораи миқдорӣ* байни панҷу ҳафт,6.

**ШАШАНГУШТА** شش انگشته он ки панҷаи по ё дасташ шаш ангушт дорад, барака.

**ШАШАФЗОЛ** ششافزال ду қисми мудаввари дандонадори як ҷузъи мошин, ки ба воситаи шаш дандона ҳаракат мекунанд.

**ШАШАФЗОР** شش افزار *ниг.* **шашафзол**.

**ШАШБАЛЛА** ششبلّه шаш балл дошта: **боди шашбалла**, **заминҷунбии шашбалла**.

**ШАШБЕЛА** ششبیله сифати завраќе, ки тавассути шаш бел ронда мешавад: **завраќи шашбела**.

**ШАШБУРҶА** ششبرجه дорои шаш бурҷ, шашманорадор: **мадрасаи шашбурҷа**.

**ШАШГӮША** ششگوشه *ниг.* **шашкунҷа**.

**ШАШДАР** شش در 1. ҷое ва чизе, ки шаш дари баромад дошта бошад. 2. дар бозии нардмавриде, ки яке аз бозигарон ҳамаи шаш хонаи пеши роҳи ҳарифро гирифта роҳи ӯро баста бошад. 3. баста будани роҳи баромад ва наҷот; **ба шашдар афтодан** а) шашдар шудан дар бозии нард; б) сахт дар тангӣ мондан; **дар шашдари ҳайрат мондан** дар коре сахт ҳайрон монда чӣ кор кардан ва куҷо рафтани худро надонистан, оҷиз мондан.

**ШАШДАРА** شش دره дорои шаш дар.

**ШАШДОНГ** ششدانگ тамоми моликияти ба шаш қисм тақсимшаванда; тамоми моликияти касе; пурра, комил.

**ШАШӢ** ششی 1. *мансуб ба* **шаш**. 2. қартаи шашхолдор.

**ШАШКА** *р.* ششکه бозӣ дар тахтаи 64 (ё 100) хонадор бо мӯҳраҳои сиёҳу сафед.

**ШАШКАБОЗ** ششکه باز бозикунандаи шашка.

**ШАШКАБОЗӢ** ششکه‌بازی машғул шудан бо бозии шашка, бозии шашка.

**ШАШКАРАТА** ششکرته шаш баробар, ба шаш зарбшуда; **қаҳрамони шашкаратаи ҷаҳон** варзишгаре, ки ба гирифтани унвони қаҳрамонӣ шаш бор муяссар шудааст.

**ШАШКАРАТӢ** ششکرتی шашзарбӣ.

**ШАШКУНҶА** ششکنجه шакли ҳандасие, ки шаш кунҷ дорад.

**ШАШҚАБАТА** ششقبطه 1. аз шаш қабат иборатбуда; шаш қабат кӯрпа; **бинои шашқабата** бинои шашошёна.

**ШАШҚАТОР** ششقطار иборат аз шаш қатор: **ашки шашқатор**.

**ШАШМАҚОМ** ششمقام *мус*. маҷмӯи шаш мақоми асосии мусиқии классикии тоҷик, ки ҳар як мақом дар дохили худ шӯъбаҳо ва ҷузъҳои зиёде дорад.

**ШАШМАҚОМДОН** ششمقامدان мутахассиси сурудан ва навохтани оҳангҳои мусиқии классикии тоҷик-Шашмақом.

**ШАШМАҚОМХОН** ششمقامجوان сарояндаи оҳангҳои Шашмақом; сарояндаи оҳангҳои классик.

**ШАШМЕТРА** ششمتره он чи шаш метр (600см) андоза дорад: **тахтаи шашметра.**

**ШАШМЕТРӢ** ششمتری он чи ки ба ду ва зиёдтар қисми баробари иборат аз шаш метр ҷудо карда шудааст: **даҳ дона тахтаи шашметрӣ**.

**ШАШМОҲА** ششماهه муддати шаш моҳро фарогиранда; **курси шашмоҳа** курсе, ки муддати давомоташ шаш моҳ аст.

**ШАШМОҲАГӢ** ششماهگی шаш моҳ дошта: дар шашмоҳагӣ.

**ШАШОШЁНА** ششآشیانه аз шаш ошёна (қабат) иборатбуда: **бинои шашошёна**.

**ШАШОШЁНАДОР** ششآشیانهدار дорои шаш ошёна, шашқабата.

**ШАШПАНҶЗАН** ششپنجزن бозингари бозиҳои саргармкунанда, қиморбоз.

**ШАШПАР**ششپر гурзе, ки шаш пару шаш паҳлу дорад.

**ШАШПО** شش پا он чи ки дорои шаш по бошад.

**ШАШРУКНА** ششرکنه 1. *адш.* дар арӯз шеъре, ки ҳар мисраи он ба шаш қисм тақтеъ шавад. 2. *меъ*. биное, ки дорои шаш сутун бошад.

**ШАШРӮЗА** ششروزه бо шаш рӯз, ба муддати шаш рӯз, он чи муддаташ шаш рӯз аст; **дунёи шашрӯза** дунёи гузарон.

**ШАШРӮЗАГӢ** شش روزگی :**дар шашрӯзагӣ** дар аз шаш рӯзи арзи вуҷуд карданаш.

**ШАШРӮЗӢ** شش روزی *марбут ба* **шашрӯза**.

**ШАШРӮЯ** ششرویه ҷисме ё шакли ҳандасие, ки шаш тараф дорад.

**ШАШСАД** ششصد *шумораи миқдорӣ* шаш бор сад.

**ШАШСАДӢ** شش صدی ҳар чизи шашсад-шашсад ҷудошуда.

**ШАШСАДУМ** ششصدم *шумораи тартибӣ аз* **шашсад**.

**ШАШСАДУМИН** ششصدمین *марбут ба* **шашсадум**; тартиби касе ё чизе, ки дар шумораи шашсад қарор дорад.

**ШАШСАРӢ** ششسری *кит*. ҳар чизи навъи аъло; ◊ **зари шашсарӣ** тиллои комилиёр.

**ШАШСОАТА** ششساعته мӯҳлати шаш соат дошта; барои шаш соат.

**ШАШСОАТӢ** ششساعتی шаш соат –шаш соат ҷудо шуда.

**ШАШСОЛА** ششساله мӯҳлати шаш сол дошта, ба ҳастияш шаш сол пуршуда.

**ШАШСОЛАГӢ** ششسالگی шашсола будан; шаш сол доштан: **дар шашсолагӣ**.

**ШАШСОЛӢ** ششسالی шаш сол–шаш сол тақсим шуда.

**ШАШТАБАҚА** شش طبقه *ниг.* **шашқабата**.

**ШАШТАРАФА** ششطرفه дорои шаш тараф буда.

**ШАШТИРА** ششتیره силоҳи оташфишоне, ки ба тирхонааш шаш тир меғунҷад: **таппончаи шаштира**.

**ШАШТОГӢ** ششتاگی шаш дона –шаш дона.

**ШАШТОӢ** ششتایی *ниг.* **шаштогӣ**.

**ШАШТОР** شش تار номи яке аз олатҳои мусиқии торӣ.

**ШАШҲАЗОРА** شش هزاره *ниг.* **шашҳазорум**.

**ШАШҲАЗОРӢ** ششهزاری шаш ҳазор –шаш ҳазор ҷудошуда.

**ШАШҲАРБА** ششحربه як навъи варзиш.

**ШАШҲАФТАИНА** شش هفتئینه мӯҳлати шаш ҳафта дошта.

**ШАШҶИЛДА** شش‌جلده асаре, ки аз шаш ҷилд иборат аст: **куллиёти шашҷилда**.

**ШАШҶИЛДӢ** ششجلدی *марбут ба* **шашҷилда**.

**ШАШЯК** شش یک аз шаш як ҳисса, 1,6.

**ШАЪБ** *а.* شعب *кит.* мардум, тӯдаи мардум.

**ШАЪБАДА** *а.* شعبده 1. найранг, найрангбозӣ. 2. *маҷ.* ҳила, макр, фиреб.

**ШАЪБАДАБОЗ** شعبده باز найрангбоз.

**ШАЪБАДАБОЗӢ** شعبده‌بازی амали шаъбадабоз.

**ШАЪБОН** *а.* شعبان моҳи ҳаштуми солшумории қамарии ҳиҷрӣ.

**ШАЪН//ШОН** *а.* شأن//شان шараф, эътибор, қадр, мартаба, дараҷа; **ба шаъни...** ба шарафи...

**ШАЪР** *а.* شعر *кит.* 1. мӯй; маҷмӯи мӯйсари касе. 2. болопӯши мӯини сабуки шабона.

**ШАЪРБОФ** شعرباف *кит.* 1. мӯйтоб, мӯйбоф. 2. он ки аз мӯй ё абрешим порча мебофад.

**ШАЪРПӮШ** شعرپوش *кит.* пӯшандаи ҷомаи мӯина, мӯинапӯш.

**ШАЪШАА** *а.* شعشعه дурахш, дурахшонӣ, ҷило, тобонӣ, тобандагӣ.

**ШАЪШААДОР** شعشعه‌دار дурахшон, тобон, нурпош.

**ШАЪШААПОШ** شعشعه‌پاش нурафшон; **офтоби шаъшаапош** офтоби нурпош ва равшанипарокан.

**ШАЪШААПОШӢ** شعشعه‌پاشی нурафшонӣ, нурпароканӣ (Офтоб, Моҳ, ситораҳо).

**ШЕБ** شیب *шакли ихтисории* **нишеб**; *муқоб.* **фароз**.

**ШЕБА** شیبه *кит.* аз камон тир партоб кардан.

**ШЕБДОР** شیب‌دار ҷои нишебӣ ва пастхамӣ дошта.

**ШЕБИДАН** شیبیدن *кит.* омехтан, аралаш кардан.

**ШЕБО** شیبا *кит.* шефта, мушавваш, пуризтироб.

**ШЕВА I** شیوه 1. тарз, тариқ, равиш. 2. ноз, карашма. 3. ҳила. 4. ҳунар, фазилат.

**ШЕВА II** شیوه тарзи талаффузи маҳал ва ҷои муайяне, лаҳҷа.

**ШЕВАБОЗ** شیوه باز *ниг.* **шевагар**.

**ШЕВАГАР** شیوه گر ишвагар, дилфиреб.

**ШЕВАГАРӢ** شیوه‌گری 1. ишвагарӣ, нозу карашма кардан. 2. *маҷ.* фиребгарӣ, ҳилагарӣ.

**ШЕВАГӢ** شیوگی *гуфт. мансуб ба* **шева**; лаҳҷавӣ.

**ШЕВАН** شیون нола, навҳа, гиряву зорӣ ҳангоми рӯй додани мусибате; **шеван кардан** оҳу нола кардан, доду фиғон баровардан.

**ШЕВАНД** شیوند тахтаи нонросткунӣ, тахта барои рост кардани нон ва дигар маҳсулоти хамирӣ.

**ШЕВАШИНОС** شیوه‌شناس мутахассиси таҳқиқи шеваҳо, он ки шеваҳоро меомӯзад.

**ШЕВАШИНОСӢ** شیوه‌شناسی илми омӯхтани шеваҳо; лаҳҷашиносӣ.

**ШЕВО** شیوا фасеҳ, балеғ.

**ШЕВОЗАБОН** شیوازبان забони фасеҳ, ширин ва фаҳмо.

**ШЕВОӢ** شیوایی *мансуб ба* **шево**; фасоҳат, балоғат.

**ШЕД** شید *шакли кӯтоҳшудаи* **хуршед**.

**ШЕЛОН** شیلان *кит.* 1. дастархон. 2. *маҷ.* зиёфат, меҳмондорӣ, базм; масолеҳи зиёфат.

**ШЕР** شیر 1. ҳайвони дарандаи қавиҷусса, ки бозу ва чанголи қавӣ дорад. 2. *маҷ.* далер, ҷасур, диловар; ◊ **бо думи шер бозӣ кардан** кори хафвнок кардан; **дер ояду шер ояд** коре бо таъхир мешуда бошад ҳам, расову пухта шавад.

**ШЕРАК** شیرک **:шерак шудан** далер шудан, ҷуръат пайдо кардан.

**ШЕРАМАРД** شیر مرد *ниг.* **шермард**.

**ШЕРАФКАН** شیرافکن 1. он ки шерро ғалтонда мағлуб мекунад. 2. пурзӯр, қавибозу, далер.

**ШЕРБАЧА** شیربچه 1. бачаи шер. 2. як гурӯҳ сарбозони хоси амири Бухоро.

**ШЕРБОЗУ** شیربازو қавидаст, зӯр, шуҷоъ, паҳлавон.

**ШЕРБОН** شیربان нигоҳубинкунанда ба шер.

**ШЕРВАШ** شیروش *кит.* шермонанд, шерфаш.

**ШЕРАВҶАН** شیراوژن *кит., ниг.* **шерафкан**.

**ШЕРВОН** شیروان ҷои холӣ байни сақф ва боми дупӯшаи он.

**ШЕРВОНИПӮШ** شیروانی‌پوش боме, ки болояш ба шакли махрутӣ пӯшонда шудааст; *ниг.* **шервонӣ**.

**ШЕРВОНӢ** شیروانی боме, ки хаймавор чӯбкорӣ шуда ба он тунука зада бошанд.

**ШЕРВОР** شیروار чун шер, шер барин; далер, бебок.

**ШЕРГИР** شیرگیر 1. он ки шерро шикор карда метавонад. 2. *маҷ.* далер, нотарс, зӯрманд.

**ШЕРДИЛ** شیردل далер, нотарс, бебок; **шердил кардан** касеро дар коре далер кардан; **шердил шудан** ҷуръат пайдо кардан.

**ШЕРДИЛӢ** شیردلی ҷасорат, диловарӣ, нотарсӣ, бебокӣ.

**ШЕРДИЛОНА** شیردلانه ҷасурона, бебокона, нотарсона.

**ШЕРДОР** شیردار 1. *ниг.* **шербон**. 2. дорои тасвири шер: **мадрасаи Шердор**.

**ШЕРЗАҲРА** شیر زهره *ниг.* **шердил**.

**ШЕРЗОД** شیر زاد *ниг.* **шердил**.

**ШЕРЗӮР** شیرزور 1. зӯрманди шермонанд, хеле зӯр. 2. сифати Баҳроми Гӯр, ки гӯё монанди шер зӯрӣ доштааст.

**ШЕРӢ** شیری шер будан, монанди шер будан, ҳайбат ва зӯрии шерона доштан; диловарӣ, ҷасурӣ; **шерӣ гирифтан** шердил шудан, ҷасорат пайдо кардан; **шерӣ кардан** рафтори шерона кардан; далерӣ ва шуҷоат нишон додан.

**ШЕРМАРД** شیرمرد диловар, далер, нотарс, шуҷоъ, бебок.

**ШЕРМАРДӢ** شیرمردی диловарӣ, ҷасорат, аз ҷон натарсида худро ба обу оташ задан.

**ШЕРМОНАНД** شیرمانند монанди шер, ба сони шер.

**ШЕРОЗА** I شیرازه ҳошия, зеҳе, ки ба даври тоқӣ, бари ҷома, гирди остин *ва г.* медӯзанд.

**ШЕРОЗА** II شیرازه дар истилоҳи саҳҳофӣ ҷузвабандии китоб; бахяи махсусе, ки саҳҳоф ба ду тарафи варақҳои дӯхташуда мезанад.

**ШЕРОЗАБАНД** شیرازه بند саҳҳоф, муқовагар.

**ШЕРОЗАБАНДӢ** شیرازه‌بندی муқовабандӣ, саҳҳофӣ.

**ШЕРОЗАДӮЗ** شیرازه‌دوز он ки шероза медӯзад.

**ШЕРОЗАДӮЗӢ** شیرازه دوزی амали шерозадӯз.

**ШЕРОЗӢ** شیرازی 1. *мансуб ба* **шаҳри Шероз.** 2. яке аз навъҳои харбуза.

**ШЕРОНА** شیرانه чун шер, мисли шер, шервор; ҷасурона, далерона.

**ШЕРОСО** شیرآسا *ниг.* **шервор**.

**ШЕРПАЛАНГ** شیرپلنگ *зоол.* як навъ ҳайвони палангмонанд, ирбис.

**ШЕРПАНҶА** شیرپنجه *киноя аз* зӯр, қавӣ.

**ШЕРСАГ** شیرسگ саге чун шер нотарс, зӯр ва фарогирандаи шикор.

**ШЕРСИФАТ** شیر صفت *ниг.* **шерона**.

**ШЕРСОН** شیرسان *ниг.* **шерона**.

**ШЕРТАВОН** شیرتوان дар қувват ва зӯрӣ чун шер, тавоно.

**ШЕРТАН** شیرتن *кит.* паҳлавоне, ки ҳамчун шер миёнборику тану тӯшу бозуҳояш калон ва қавӣ мебошад.

**ШЕРФАШ** شیرفش *кит.* шермонанд, шерваш.

**ШЕРШИКОР** شیرشکار *кит.* 1. шикоркунандаи шер. 2. ҳамчун шер шикоркунанда, дар шикор ҳамчун шер зӯру тавоно. 3. марди далер, паҳлавон, шерафкан.

**ШЕФ** *англ.* شیف *гуфт.* 1. идорае, ки муассисае, мактабе ё муассисаи дигареро ба шефӣ гирифтааст, сарпараст. 2. сардор, раис.

**ШЕФӢ** شیفی ӯҳдадории ҷамъиятии муассисае барои ёрии моддӣ додан ба идора, мактаб ё муассисаи дигар: **ба шефӣ гирифтан** ягон муассисаро зери сарпарастӣ ва мадад гирифтан, сарпарастӣ.

**ШЕФТА** شیفته шайдо, дилдода, мафтун, ошиқ; ошуфта, ҳайрон; **шефта шудан** а) ошиқ шудан, дил бохтан; б) ҳайрон шудан.

**ШЕФТАГӢ** شیفتگی ошиқӣ, дилбохтагӣ; ошуфтагию саргаштагӣ (*аз ишқ*).

**ШЕФТАДИЛ** شیفته‌دل шайдо, мафтун; дилбохта.

**ШЕФТАН** شیفتن 1. мафтун шудан, шайдову шефта шудан. 2. телба шудан, саросема шудан.

**ШЕҲА** شیهه *ниг.* **шиҳа**.

**ШЕҲАКАШӢ** شیهه‌کشی бонгзании асп.

**ШЕЪР** *а.* شعر сухани мавзуни қофиядор, асари бадеие, ки ба ин тарз навишта шудааст: **шеър бастан**, **шеър гуфтан**, **шеър хондан**; **шеъри** “**нав**” ашъори дар шакли нав, ки дар солҳои охир расм гардид; **шеъри сафед** *ниг.* **шеъри нав**.

**ШЕЪРБОФ** شعرباف *кит.* 1. шоир, нозим. 2. шоиртарош, қофиябоф.

**ШЕЪРБОФӢ** شعربافی амали шеърбоф.

**ШЕЪРГӮӢ** شعرگویی шеърнависӣ, шоирӣ.

**ШЕЪРДОН** شعردان он ки шеъри зиёдеро аз ёд медонад ва ба маънии шеър мерасад.

**ШЕЪРДОНӢ** شعردانی шеърдон будан.

**ШЕЪРДУЗД** شعردزد он ки шеъри дигаронро аз они худ ба қалам медиҳад.

**ШЕЪРДӮСТ** شعردوست он ки шеърро бисёр мехонад ва дӯст медорад.

**ШЕЪРДӮСТӢ** شعردوستی дӯст доштани шеър.

**ШЕЪРЁДКУНӢ** شعریادکنی аз бар кардани шеър, ки барои парвариш ва инкишофи завқи бадеӣ аҳамияти калон дорад.

**ШЕЪРИЯТ** *а.* شعریت шоирона будан; латифу нафис будан.

**ШЕЪРӢ** شعری *мансуб ба* **шеър**; **қувваи шеърӣ** истеъдоди шоирӣ.

**ШЕЪРНАВИС** شعرنویس шоир, иншокунандаи шеър, шеъргӯй.

**ШЕЪРНАВИСӢ** شعرنویسی шеър эҷод кардан, шеър гуфтан, шоирӣ.

**ШЕЪРРАС** شعررس он ки маъно ва нозукиҳои шеърро дарк мекунад; шеърфаҳм, маънишикоф.

**ШЕЪРСАРОЙ** شعرسرای гӯянда ва хонандаи шеър бо лаҳну оҳанг; шоир.

**ШЕЪРТИРОЗ** شعرطراز *киноя аз* шоир.

**ШЕЪРФАҲМ** شعرفهم *ниг.* **шеъррас**.

**ШЕЪРФАҲМӢ** شعرفهمی дарк кардани маъно, нозукиҳо ва нуктаҳои шеър; соҳиб будан ба завқи бадеӣ.

**ШЕЪРХОН** شعرخوان он ки шеъри худ ё дигареро хонда ба дигарон мешунавонад.

**ШЕЪРХОНӢ** شعرخوانی 1. хондан, мутолиа кардани шеър. 2. бо овози баланд хондан ва сурудани шеър; **шеърхонӣ кардан** шеър хондан.

**ШЕЪРШИНОС** شعرشناس он ки дақоиқи маънӣ ва қоидаву қонунҳои шеърро медонад, шеъррас.

**ШЕЪРШИНОСӢ** شعرشناسی шеършинос будан.

**ШИА** *а.* شیعه яке аз мазҳаби асосӣ дар Ислом; пайравони Алӣ.

**ШИАМАЗҲАБ** شیعه‌مذهب *д.* пайрави мазҳаби шиа, он ки дар мазҳаби шиа аст.

**ШИБАР** شبر замини пурнам.

**ШИБАРЗАМИН** شبرزمین замини сернами лаби об, замини серзаҳ.

**ШИБАРШАВӢ** شبرشوی шибар шудани замин, сернам шудани замин, заҳ зер кардани замин.

**ШИББА** شبّه бо кӯбаи махсус, бо паси каланд ё бел зада ҳамвор кардани замини сусти ягон ҷо: **шибба кардан**.

**ШИББАЗАНӢ** شبّه زنی *ниг.* **шиббакунӣ**.

**ШИББАКУНӢ** شبّه‌کنی бо васоили махсус зада сахт кардани замини нарм.

**ШИББАКӮБАК** شبّه‌کوبک ғулаест дастадор, ки онро бар замини суст зада заминро сахт мекунанд.

**ШИББАМОШИН** شبّه‌ماشین *гуфт.* мошини махсуси шиббакунӣ.

**ШИББАХӮРДА** شبّه‌خورده замини сахтшуда дар натиҷаи помолшавӣ ё задан бо чизе.

**ШИБИРҒОНӢ** شبرغانی навъе аз ангури сиёҳ, ки ба вилояти Шибирғони Афғонистон мансуб аст.

**ШИБИР-ШИБИР** شبر شبر *калимаи тақлиди овози* ба ҳам расидани баргҳо аз таъсири боди сабук *ва г.*

**ШИБИТ** شبت гиёҳи полезии хӯрокӣ, ки тамъ ва бӯи хуше дорад.

**ШИБОҒ** شباغ *бот.* буттаи худрӯй аз қабили явшон, ки чун сӯзишворӣ ба кор меравад.

**ШИБОҒӢ** شباغی *гуфт.*, *мансуб ба* **шибоғ**; **нони шибоғӣ** нони дар оташи шибоғ пухташуда.

**ШИБР** *а.* شبر вақаб; андозаи паймоиш баробар ба 22,5 см.

**ШИБРАМ** شبرم *бот.* гиёҳест биёбонӣ, баландпоя, рост ва ширадор монанди най, ки дар тибби қадим барои муолиҷаи истисқо (обхӯра), қулинҷ, дарди мафосил *ва г.* ба кор мерафтааст.

**ШИБУРҒОНӢ** شبرغانی *ниг.* **шибирғонӣ**.

**ШИБ-ШИДАМ** شب شدم **:шиб-шидам кардан** *касеро гуфт.* ҳамаи чизу чораи касеро рабудан.

**ШИБ-ШИЛТА** شب شلته *гуфт.* тамоман тар.

**ШИВАР** شور *ниг.* **шибар**.

**ШИВАРЗАМИН** شورزمین *ниг.* **шибарзамин**.

**ШИВИР-ШИВИР** شویرشویر *калимаи тақлиди овоз* садои ба ҳам расиши баргҳои дарахт.

**ШИВОҚ** شواق *ниг.* **шибоғ**.

**ШИГАРФ** شگرف 1. *кит.* аҷиб, ҳайратовар; хуб, зебо. 2. одами ҳайратовар; одами пӯшидахислат.

**ШИГАРФӢ** شگرفی 1. зебоӣ. 2. чобукдастӣ, чолокӣ, ҳунармандӣ.

**ШИГИФТ** شگفت 1. тааҷҷуб, ҳайрат, ҳайронӣ. 2. аҷиб, ҳайратовар.

**ШИГИФТАН** شگفتن дар тааҷҷуб мондан, ҳайрон шудан.

**ШИГИФТИДАН** شگفتیدن *кит., ниг.* **шигифтан**.

**ШИГИФТӢ** شگفتی 1. ҳайратангез, мавриди таваҷҷуҳ қароргирифта. 2. аҷобат, аҷоибӣ, ғалатӣ будан.

**ШИГОФ** شگاف *шакли дигари* **шикоф**.

**ШИГОФИДАН** شگافیدن *ниг.* **шикофидан**.

**ШИГОФТАН** شگافتن *ниг.* **шикофтан**.

**ШИГУФА** شگوفه шукуфа.

**ШИГУФОНИДАН** شگوفانیدن шукуфонидан, гулкунонидан.

**ШИГУФТАН** شگفتن *шакли дигари* **шукуфтан**.

**ШИҒ** شغ *ниг.* **чиғ**.

**ШИҒҒАС** شغّس *калимаи тақлиди* овози қамиш дар қамишзор ва монанди он.

**ШИҒЕЛ** شغیل сермеваю серҳосил, пурбор (*шохаи дарахт*).

**ШИҒОВУЛ** شغاول *таър.* аз мансабҳои дарборӣ дар аморати Бухоро — ноиби удайчӣ.

**ШИДДАТ** *а.* شدّت 1. ҳадди баланд ва сахти ҳолате; **аз шиддати...** аз сахтии..., аз зиёдии..., аз баландии...; **шиддат кардан** а) авҷ гирифтан, ба дараҷаи баланд расидан; б) *киноя аз* дӯғ задан, таҳдид кардан. 2. тезӣ ва суръати баланди қувваи барқ.

**ШИДДАТГИРӢ** شدّت گیری *ниг.* **шиддатёбӣ**.

**ШИДДАТЁБӢ** شدّتیابی авҷгирии шиддат; баланд шудани шиддат.

**ШИДДАТНОК** شدّتناک сахт, тез, бошиддат.

**ШИДДАТНОКӢ** شدّتناکی сахтӣ, тезӣ.

**ШИЁН** شیان *кит.* ҷазо, мукофот, подош.

**ШИЁР**شیار *кит.* шудгор; **шиёр кардан** шудгор кардан, рондани замин.

**ШИЗ** شیز *кит.* обнус, чӯби сахти сиёҳ, ки аз он асбобҳои гаронбаҳои гуногун сохта мешавад

**ШИКАМ** شکم қисме аз аъзои бадани одам ва ё ҳайвонот, ки аъзои ҳозима дар вай ҷо дорад; ◊ **шикам танбӯр навохтан** сахт гушна будан; **шикам хорида гаштан** а) баҳона кардан, узр овардан; б) кор накарда гаштан, беҳуда вақт гузаронидан.

**ШИКАМБА** شکمبه меъдаи чорпоён, меъдаи ҳайвоноти алафхӯр.

**ШИКАМБАНД** شکم‌بند миёнбанди махсус барои дуруст нигоҳ доштани шикам; миёнбанди занона барои маҳкам доштани доман.

**ШИКАМБАНДА** شکم‌بنده пурхӯр, шикампараст, баднафс.

**ШИКАМБАНДАГӢ** شکم‌بندگی баднафсӣ, пурхӯрӣ, носерамӣ.

**ШИКАМГИРИФТА** شکم‌گرفته шахси гирифтори қабзи меъда ё рӯда.

**ШИКАМГИРИФТАГӢ** شکم‌گرفتگی гирифт кардани меъда ва ё рӯда; қабзи меъда ё рӯда.

**ШИКАМГУРУСНА** شکم‌گرسنه гурусна, гушна.

**ШИКАМҒАФС** شکم غفس *ниг.* **шикамкалон**.

**ШИКАМДАМ** شکم دم *ниг.* **шикамкалон**.

**ШИКАМДАРД** شکم‌درد дарди меъда ё рӯда.

**ШИКАМДОР** شکم دار *ниг.* **шикамкалон**.

**ШИКАМӢ** شکمی *мансуб ба* **шикам**.

**ШИКАМКАЛОН** شکم‌کلان он чи ва ё он ки шикамаш калон ва баромада бошад.

**ШИКАМНОКӢ** شکمناکی бо шикам рӯ ба замин.

**ШИКАМПАРАСТ** شکم‌پرست пурхӯр, он ки ҳамеша дар пайи хӯрокхӯрӣ ва дар ҷустуҷӯи хӯрокҳои лазиз аст.

**ШИКАМПАРАСТӢ** شکم‌پرستی шикампараст будан; шикамбандагӣ.

**ШИКАМПАРВАР** شکم‌پرور он ки фақат дар ғами шикамсерии худ аст, шикамбанда.

**ШИКАМПАРВАРӢ** شکم‌پروری *ниг.* **шикампарастӣ**.

**ШИКАМПЕЧ** شکم پیچ *ниг.* **шикампечон**.

**ШИКАМПЕЧОН** شکم‌پیچان дарди шикам, пайдоиши печиш дар шикам.

**ШИКАМРАВ** شکم رو дарунрав, исҳол.

**ШИКАМСЕР** شکم‌سیر сер, он ки ба хӯрок майл ва эҳтиёҷ надорад.

**ШИКАМСЕРӢ** شکم سیری серӣ.

**ШИКАМЧА** شکمچه 1. шиками хурд. 2. *маҷ.* нисбат ба касе гуфта мешавад, ки қадаш паст бошаду шикамаш калон.

**ШИКАМЧАРОН** شکم چران *ниг.* **шикампараст**.

**ШИКАМЧАРОНӢ** شکم‌چرانی *ниг.* **шикампарастӣ**.

**шикан** شکن 1. *асоси замони ҳозира аз феъли* **шикастан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* шикананда: **яхшикан, аҳдшикан, паймоншикан**.

**ШИКАН** شکن печу хами зулф.

**ШИКАНҶ** شکنج *ниг.* **шиканҷа**.

**ШИКАНҶА** شکنجه азоб, ранҷ, озор, уқубат; фишор; **шиканҷа кардан** азоб додан, таҳти фишор қарор додан.

**ШИКАНҶАГОҲ** شکنجه‌گاه ҷои азобу азиятдиҳӣ (*мас., ба маҳбусон*).

**ШИКАНҶАОМЕЗ** شکنجه‌آمیز пуразоб, озордиҳанда.

**ШИКАРА** شکره *кит.* мурғи шикорӣ, шиккоркунанда.

**ШИКАСТ** شکست 1. шикаста шудан. 2. мағлубият; **шикаст афтодан** (*ба кори касе*) нобарорӣ рӯй додан; **шикаст ёфтан** шикастан, лат хӯрдани ягон узви бадан; **шикаст додан** мағлуб кардан касеро, пирӯз шудан бар касе; **шикаст хӯрдан** ба мағлубият дучор шудан, мағлуб гардидан.

**ШИКАСТА** شکسته 1. *сифати феълии замони гузашта аз* **шикастан**. 2. ба шикаст дучоршуда; **дили шикаста** дили малул, маъюс ва гирифтори андӯҳ; **хати шикаста** а) хати бурида-бурида, хати мункасир; б) яке аз тарзҳои навишти хатти арабӣ.

**ШИКАСТАБАНД** شکسته‌بند он ки устухони шикастаи баданро ба ҳам оварда мебандад ва муолиҷа мекунад.

**ШИКАСТАБАНДӢ** شکسته‌بندی ҷогузорӣ ва бастани устухонҳои шикастаи бадан.

**ШИКАСТАБОЗУ** شکسته‌بازو *кит.* беқувват, нотавон.

**ШИКАСТАБОЛ** شکسته‌بال 1. мурғе, ки болҳояш шикаста аст. 2. *маҷ.* оҷиз, нотавон.

**ШИКАСТАВОР** شکسته‌وار 1. монанди одами устухонҳояш шикаста. 2. *маҷ.* зарфҳои шишагӣ.

**ШИКАСТАВОРӢ** شکسته‌واری *гуфт.* зарфҳои шишагин, ки хеле зиёд мешикананд.

**ШИКАСТАГӢ** شکستگی 1. шикаста, пора-пора шудан ё будан. 2. бозораш касодшуда, дар рақобати савдо шикастхӯрда, муфлисшуда. 3. *маҷ.* хоксорӣ. 4. *маҷ.* дара, ҷойҳои ноҳамвор. 5. каср, кам кардан.

**ШИКАСТАДИЛ** شکسته‌دل ғамзада, маҳзун, ноумед, маъюс.

**ШИКАСТАДИЛӢ** شکسته‌دلی озурдахотирӣ, маҳзунӣ, ноумедӣ.

**ШИКАСТАЗАБОН** شکسته‌زبان он ки вақти гап задан забонаш мегирад, он ки гуфтори равону фасеҳ надорад.

**ШИКАСТАКОМӢ** شکسته‌کامی бадбахтӣ, мусибатзадагӣ, офатзадагӣ.

**ШИКАСТАМИЗОҶ** شکسته‌مزاج бемор, тани носиҳат.

**ШИКАСТАН** شکستن 1. реза-реза кардан, пора-пора кардан, майда кардан; **ҳезум шикастан** ҳезум майда кардан, ҳезум кафондан. 2. буридан, қатъ кардан. 3. дар рақобати тиҷорат, савдо ё молиявӣ шикаст хӯрдан. 4. таскин ёфтан, пасанда шудан: **шикастани ташнагӣ**; **аҳд (паймон, қавл) шикастан** ба аҳду қавли худ вафо накардан; **миёни** *кори касе* **шикастан** ба кори касе халал расидан, аз равнақ мондани кори касе; **сухани** *касеро* **шикастан** сухани касеро ба инобат нагирифтан.

**ШИКАСТАНАФС** شکسته‌نفس одами фурӯтан, хоксор.

**ШИКАСТАНАФСӢ** شکسته‌نفسی фурӯтанӣ, хоксорӣ; *муқоб.* **калонгирӣ**.

**ШИКАСТАНАШАВАНДА** شکسته‌نشونده сахт, маҳкам, мустаҳкам.

**ШИКАСТАНОМ** شکسته‌نام бадном; ба фасодӣ ва бадӣ ном бароварда.

**ШИКАСТАНОПАЗИР** شکسته‌ناپذیر қавӣ, устувор, доимӣ.

**ШИКАСТАПАЙВАНД** شکسته‌پیوند чизи шикастаро ба воситае ба ҳам пайванд намудан (*мас.*, *бо ширеш*).

**ШИКАСТАПО(Й)** (شکسته‌پا(ی 1. касе ё чизе, ки устухони пояш шикаста бошад. 2. *маҷ.* суст, беқувват, заиф.

**ШИКАСТАПОРА** شکسته‌پاره реза, хӯрда, майда.

**ШИКАСТАРАНГ** شکسته‌رنگ рангпарида, зардранг.

**ШИКАСТАРӮҲ** شکسته‌روح *ниг.* **шикастахотир**.

**ШИКАСТАУСТУХОН** شکسته استخوان он ки устухони ӯ шикастааст.

**ШИКАСТАХОТИР** شکسته‌خاطر озурдадил, афтодарӯҳ, дилшикаста, маъюс.

**ШИКАСТАХОТИРӢ** شکسته‌خاطری ҳолати шикастахотир.

**ШИКАСТАҲОЛ** شکسته‌حال парешонхотир, бадаҳвол, навмеду маъюс.

**ШИКАСТАҲОЛӢ** شکسته‌حالی аломат ва ҳолати шикастаҳол.

**ШИКАСТАҶОН** شکسته‌جان *ниг.* **шикастахотир**.

**ШИКАСТАҶОНӢ** شکسته‌جانی *ниг.* **шикастахотирӣ**.

**ШИКАСТАШОХ** شکسته‌شاخ 1. чорпои шохдоре, ки ба сабабе шохаш шикаста бошад. 2. шохааш шикаста (*дарахт*). 3. *маҷ.* шикастхӯрда.

**ШИКАСТНАЁБАНДА** شکست‌نیابنده *ниг.* **шикастнопазир**.

**ШИКАСТНАХӮРАНДА** شکست‌نخورده *ниг.* **шикастнопазир**.

**ШИКАСТНОПАЗИР** شکست‌ناپذیر мағлубнашаванда; қавӣ, тавоно.

**ШИКАСТНОПАЗИРӢ** شکست‌ناپذیری шикастнопазир будан, шикастнопазир, мағлубнопазирӣ; мустаҳкамӣ.

**ШИКАСТОВАР** شکست‌آور мағлубкунанда; харобиовар.

**ШИКАСТУРЕХТ** شکست وریخت таъмир, тармим; камбуду нуқсони бино.

**ШИКАСТХӮРДА** شکست‌خورده мағлуб, ба шикаст дучоршуда.

**ШИКАСТХӮРӢ** شکست‌خوری мағлубият; дучори шикаст шудан.

**ШИКВА** شکوه гила, шикоят, изҳори норизоӣ; **шиква кардан** шикоят кардан.

**ШИКВАОМЕЗ** شکوه‌آمیز гиламандона, бо изҳори шикоят.

**ШИКЕБ** شکیب сабр, тоқат, таҳаммул; қарор, оромӣ.

**ШИКЕБАНДА** شکیبنده босабр, тоқатнок.

**ШИКЕБИДАН** شکیبیدن сабр кардан, таҳаммул ва бурдборӣ намудан, тоқат овардан; орому қарор гирифтан.

**ШИКЕБО** شکیبا бобардошт, тоқатнок, таҳаммулкунанда, босабр, сабур.

**ШИКЕБОӢ** شکیبائی сабр, таҳаммул, тоқат; орому қарор.

**ШИКЕБОНИДАН** شکیبانیدن *тарзи бавоситаи* **шикебидан**; ором кардан; таскин додан.

**ШИКОЛ** *а.* شکال ресмоне, ки бо он пойҳои асп ва хачирҳои саркашро мебананд, ишкел.

**ШИКОР** شکار 1. ҳайвони сайдшуда. 2. сайд

кардан, шикоргирӣ; ◊ **шикори** *касе* **барор гирифтан** омад кардани кори касе, барор гирифтани кори касе, ба даст даромадани чизи матлуб.

**ШИКОРГИР** شکارگیر гирандаи шикор, ба даст дорорандаи сайд.

**ШИКОРГОҲ** شکارگاه ҷои шикор, ҷои сайд.

**ШИКОРДУЗД** شکاردزد ғайриқонунӣ ба шикор машғул шудан.

**ШИКОРДУЗДӢ** شکاردزدی амали шикордузд.

**ШИКОРИДАН** شکاریدن сайд кардан, шикор кардан.

**ШИКОРӢ** شکاری *мансуб ба* **шикор**: **бози шикорӣ, туфанги шикорӣ, саги шикорӣ**.

**ШИКОРЧИГӢ** شکارچیگی амали шикорчӣ.

**ШИКОРЧӢ** شکارچی шикоркунанда, сайёд, мерган.

**шикоф** شکاف *асоси замони ҳозира аз* **шикофтан**.

**ШИКОФ** شکاف ҷои кафидаи чизе, кафида, рахна, сӯрохӣ, сӯрох.

**ШИКОФА** شکافه *кит.* захмаи мутрибон, мизроб, нохун.

**ШИКОФИДАН** شکافیدن сӯрох кардан, чок кардан, рахна задан.

**ШИКОФӢ** شکافی сӯрохӣ, ҷои рахна ва сӯрох.

**ШИКОФКУНӢ** شکاف‌کنی *ниг.* **шикофидан**.

**ШИКОФТАН** شکافتن чок кардан, кафондан, сӯрох кардан.

**ШИКОЯТ** *а.* شکایت изҳори гила ва норизоӣ аз касе ё чизе, гила, шиква, гиламандӣ; **шикоят кардан** норозигӣ изҳор намудан, гила кардан.

**ШИКОЯТГАР** شکایتگر шикояткунанда.

**ШИКОЯТӢ** شکایتی *мансуб ба* **шикоят: аризаи шикоятӣ.**

**ШИКОЯТКУНАНДА** شکایت‌کننده касе, ки норозигиашро нисбат ба касе ё чизе ба мақомоти дахлдор изҳор кунад.

**ШИКОЯТНОМА** شکایت‌نامه аризаи шикоятӣ, хате, ки дар он шикояте баён ёфтааст.

**ШИКОЯТНОПАЗИР** شکایت‌ناپذیر шикояте, ки қобили баррасӣ нест; ғайри қобили қабул будани шикоят.

**ШИКОЯТОМЕЗ** شکایت آمیز *ниг.* **шикоятомезона**.

**ШИКОЯТОМЕЗОНА** شکایت‌آمیزانه бо оҳанги гила ва норизоӣ.

**ШИКУХ** شکوخ *кҳн.* пешпохӯрӣ; лағзиш.

**ШИКУХИДАН** شکوخیدن *кҳн.* 1. пешпо хӯрдан, лағзидан. 2. тарсидан, ҳаросидан.

**ШИКӮҲ** شکوه *кҳн.*хавф, бим, ҳарос, тарс.

**ШИКӮҲАНДАГӢ** شکوهندگی *кит.* тарсу бим; ҳаросандагӣ.

**ШИКӮҲИДАН** شکوهیدن *кит.* тарсидан, ҳаросидан, ваҳмидан.

**ШИҚ(Қ)** *а.* شقّ 1. нимаи чизе; як тарафи бор. 2. қисм, пора. 3. ноҳия, як қисмати вилоят.

**ШИҚИРРОС** شقرّاس садои ба ҳам задани чизҳои оҳанӣ ва шишагӣ; **шиқиррос задан** садои шиқирросӣ баровардан.

**ШИҚОҚ** *а.* شقاق мухолифат, ихтилофот; нифоқ, ҷудоӣ, душманӣ.

**ШИЛ** شل *кҳн.* найзаи хурди дупарра ё сепарра.

**ШИЛДИРОБА** شلدرآبه оби ҷории кам.

**ШИЛДИРОС** شلدراس 1. садои началндон баланди резиши об, садои ҷараёни об. 2. садои ба ҳам расиши чизҳои тунуки оҳанӣ ё булӯрӣ; **шилдирос задан** бо садои шилдирос равон шудан, садои шилдиросӣ баровардан.

**ШИЛДИРОСЗАНӢ** شلدراس‌زنی *исми амал аз* **шилдирос задан**.

**ШИЛДИРОСЗАНОН** شلدراس‌زنان *феъли ҳол аз* **шилдирос задан;** дар ҳоли шилдиросзанӣ.

**ШИЛИМ** شلم *ниг.* **шилм**.

**ШИЛИМПАЗӢ** شلم پزی *ниг.* **шилмпазӣ**.

**ШИЛҚ** شلق *кит.* лойи часпанда, гили ёзанда.

**ШИЛҚИН** شلقین *гуфт.* 1. безоркунанда, берӯй (*аз сифатҳои бади одам*). 2. хеле ҳарис дар коре.

**ШИЛҚИНӢ** شلقینی берӯӣ, безоркунандагӣ; часпида гирифтан ба коре.

**ШИЛЛИК** شلیک якбора якҷоя тир холӣ кардани чанд яроқи оташбор; **шиллик додан** якҷоя тир холӣ кардан ба шараф ё эҳтироми касе ё чизе.

**ШИЛЛИНГ** شیلنگ воҳиди пулии Инглистон баробари 1/20 фунт стерлинг.

**ШИЛМ** شلم моддаи часпаке, ки аз шоху танаш дарахти мева таровида сахт ҷудо мемонад.

**ШИЛМАК** شلمک *гуфт.* 1. шилми дарахт. 2. **часпанда**, **часпак**.

**ШИЛМПАЗӢ** شلم‌پزی пухтани шилм барои ҳосил кардани ширеш, ширешпазӣ.

**ШИЛПУҚ** شلپق чашми дардманди обрав: **чашми шилпуқ**.

**ШИЛТА** شلته тамоман тар, шип-шилта.

**ШИЛТИҚ** شلتق *гуфт.* таршуда, ба об афтода, сар то сар таршуда (*либос*).

**ШИЛТОҚ** شلتاق ҷанҷол, хархашае, ки бесабаб бошад; **тӯҳмати шилтоқ** тӯҳмати беасос.

**ШИЛХА** شلخه *бот.* як навъ алафи турши хӯрданбоб.

**ШИЛХАШӮРБО** شلخه‌شوربا шӯрбое, ки бо шилха пухта шуда бошад.

**ШИЛҲА** شلهه як хел алафи хӯрданӣ, шавел.

**ШИЛҲАШӮРБО** شلهه‌شوربا шӯрбое, ки бо шавел пухта шудааст.

**ШИЛШИЛА** شلشله 1. занҷираи коғазҳои ранго-ранг барои ороиш, овеза барои зинат; **шилшилаи коғазӣ** коғазҳои рангоранги секунҷа ва дарозрӯяи ба як ресмон қатор часпондашуда, ки дар ҷашнҳо барои тазйин меовезанд. 2. овезаҳои торнок ва ё пӯпакдори канори чизҳои матоӣ.

**ШИЛШИЛАДОР** شلشله‌دار дорои шилшила, пӯпакдор.

**ШИЛШИЛАПО** شلشله‌پا пойҳояш пари пӯпакдор: **мурғи шилшилапо**.

**ШИМ I** شیم шалвор.

**ШИМ II** شیم *кит.* як навъ моҳии холдор.

**ШИМА//ШИМАТ** *а.* شیمه//شیمت хулқ, табиат, хӯй, одат.

**ШИМОЛ** *а.* شمال 1. яке аз чор тарафи асосӣ: *муқоб.* **ҷануб**. 2. маҳалле, ки дар ҳамин тараф воқеъ шуда бошад.

**ШИМОЛӢ** شمالی *мансуб ба* **шимол**; воқеъ дар тарафи шимол.

**ШИМПАНЗЕ** *фр.* شمپنزی навъе аз маймунҳои одамнамо, ки дум надорад.

**ШИМШОР** شمشار *кит.* шохчаҳои навсабзидаи шамшод.

**шин** شین 1. *асоси замони ҳозира аз* **шиштан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънии* шинанда: **офтобшин, идорашин, хонашин...**

**ШИН** ش *номи ҳарфи шонздаҳуми алифбои арабиасоси тоҷикӣ* (ش), *ки дар ҳисоби абҷад ба* 300 *баробар аст*; *ин ҳарф* шини манқута, шини мӯъҷама *ва* шини қарашат *ҳам номида мешавад*.

**ШИН//ШИНА** *олм.* شین//شینه чанбараки оҳанӣ ё резинии чархи ароба ё мошин.

**ШИНАБАРОРӢ** شینه‌براری истеҳсоли шина, баровардани шина: **корхонаи шинабарорӣ**.

**ШИНАК** شینک хандақ барои панаҳ шуда тирандозӣ кардан, сангар.

**ШИНАКНИШИН** شینک‌نشین он ки дар хандақ нишаста омодаи тирандозист, сангарнишин.

**ШИНАКСОЗ** شینک‌ساز он ки дар ҷанггоҳ шинак месозад, сангарсоз.

**ШИНАКСОЗӢ** شینک‌سازی сангару хандаққовӣ барои паноҳ шуда ҷангидан, сангарсозӣ.

**ШИНАМ I** شینم зебанда, муносиб, мувофиқ, дилкаш; **нақши шинам** нақши дилчасп ва бисёр муносиб; **шинам афтодан (омадан)** созгор омадан, мувофиқат кардан, ҷӯр ва соз омадан (-и *чизе ба чизе*), ба ҳам мутаносиб будан ва зебидани ду чиз.

**ШИНАМ II** شینم :**шинам-шинами Офтоб** ҳангоми ба ғуруб майл кардани Офтоб; **шинам – нашинам** нишастан ҳамоно, ба муҷарради нишастан.

**ШИНГАРФ** شنگرف *ниг.* **шангарф**.

**ШИНГИЛ** شنگل хӯшаи хурди ангур: **як шингил ангур**; **як шингил** камтар, андак аз чизе.

**ШИНЕЛ** *фр.* شنیل палтои ҳарбии расмие, ки дӯхти махсус дорад.

**ШИНЕЛПӮШ** شنیل‌پوش марде, ки шинели ҳарбӣ дар бар дорад.

**ШИНО** شنا обдонӣ, оббурӣ, шиноварӣ.

**ШИНОВАР** شناور шинокунанда, обдон, оббур; касе ё чизе, ки дар рӯи об ҳаракат мекунад.

**ШИНОВАРӢ** شناوری амали шиновар, шино кардан.

**ШИНОКУНАНДА** شناكننده *ниг.* **шиновар**.

**ШИНОН(И)ДАН** شناندن//شنانيدن 1. дар ҷое чизеро устувор кардан, насб кардан, ҷойгир кардан. 2. коштан, коридан, нишондан; **дарахт шинондан** ниҳол ё қаламчаи дарахтро ба замин шинондан. 3. *маҷ.* ҳабс кунондан, ба маҳбас шинондан.

**ШИНОР** شنار *кит.* шиноварӣ, обдонӣ, обварзӣ.

**шинос** شناس 1. *асоси замони ҳозира аз* **шинохтан**. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* шиносанда, донандаи чизе: **суханшинос, вазифашинос**, **забоншинос…**

**ШИНОС** شناس ошно, шиносо; маълум; наздик, қариб: **овози шинос, шаҳри шинос; шинос кардан** ошно кардан, муаррифӣ кардан (*касеро ба касе*); **шинос шудан** ошноӣ пайдо кардан.

**ШИНОСНОМА** شناسنامه ҳуҷҷати махсус барои нишон додани шахсияти шаҳрвандӣ; паспорт: **шиносномаи хориҷӣ**.

**ШИНОСНОМАДИҲӢ** شناسنامه‌دهی додани шиноснома: **идораи шиносномадиҳӣ**.

**ШИНОСО** شناسا *ниг.* **шинос**.

**ШИНОСОӢ** شناسائی 1. ошно будан, ошноӣ, шинос шудан (*бо касе ё коре*). 2. огоҳӣ, бохабарӣ; **шиносоӣ пайдо кардан** (*бо касе, бо чизе*) ошно шудан, бохабар ва огоҳ гардидан (*аз чизе*).

**ШИНОСОН(И)ДАН** شناساندن//شناسانيدن *тарзи бавоситаи* **шинохтан**; касеро бо касе шинос кардан, касеро ба касе муаррифӣ кардан; маълум кардан чизеро ба касе.

**ШИНОХТ** شناخت шинохтан, фаҳму фаросат, маърифат ва дониш; **аҳли шинохт** аҳли маърифат.

**ШИНОХТА** شناخته шиносшуда, машҳур.

**ШИНОХТАН** شناختن 1. шинос будан, донистан, воқиф будан (шудан); ошноӣ доштан, балад будан. 2. ташхис додан, муайян кардан. 3. фарқ кардан, тамйиз додан: **аз дур** *чизеро* **шинохтан**. 4. расман эътироф кардан, қабул намудан; ◊ **худро шинохтан** ба камол расидан.

**ШИНОХТАНАШАВАНДА** شناخته‌نشونده ба тавре ки шинохта намешавад.

**ШИНУФТАН** شنفتن шунидан.

**ШИНУХЕЗ** شين وخيز 1. тарзи зиндагӣ; рафтор; **шину хез кардан** рафтор кардан. 2. шишту хез, болову поин шудан, нишастану бархостан.

**ШИНУША** شنوشه *кит.* атса.

**ШИНҶАРФ** شنجرف *ниг.* **шангарф**.

**ШИОР** *а.* شعار 1. мақсад, маром. 2. касб, пеша; **шиор кардан** ба худ касбу пеша қарор додан (чизеро). 3. хитобаи дар шакли мӯҷаз, ки дар ягон ғояи раҳнамоӣ ё талаби сиёсӣ баён ёфтааст. 4. варақа ё лавҳаҳое, ки дар рӯи он хитоба ё мароҷиате навишта шудааст.

**ШИОРПАРТОӢ** شعارپرتائی шиор пешниҳод кардан, шиор додан.

**ШИПАНГ** شپنگ айвони аз чор тараф кушода дар боғҳо.

**ШИПЕЛИДАН** شپيليدن фишурдан, фишор додан.

**ШИПИРРОС** شپرّاس овози пасти бо суръат гузаштан аз ҷое.

**ШИППАК** شپّک кафши сарипоии одатан бепошнаи хонапӯш.

**ШИППӢ** شپی оҳиста, вале ниҳоят тези номаълум; **шиппӣ карда даромадан** *ба ҷое* номаълум карда, банохост даромадан ба ҷое.

**ШИППОНДАН** شپّاندن 1. афшондан. 2. *маҷ.* танбеҳ додан, сарзаниш кардан касеро. 3. *маҷ.* афшонда гирифтан, кашида гирифтан.

**ШИП-ШИЛТА** شپ شلته тар, тамом тар; **шип-шилта шудан** тамоман тар шудан.

**ШИП-ШИП** شپ شپ *калимаи тақлиди* овози нарму оҳиста.

**ШИР** شير моеи сафедранги ширинтаъм, ки баъд аз зоидан аз пистони занон ва ҷонварони пистондор таровида мебарояд ва аввалин ғизои навзодон аст; **шири хушк** шире, ки онро бо усули махсусе хушконда ба ҳолати орд даровардаанд; ◊ **бо шир даромада бо ҷон баромадан** хулқу хислати азалӣ, аз модарзод будани чизе; **аз шир мондан** хушк шудани шири гову гӯсфанд; **аз даҳонаш бӯи шир меояд** ҳанӯз кӯдак, хом ва бетаҷриба будани касе;

**ширу шакар** қитъаи манзуме, ки ба ду забон навишта шудааст (*мас., як байт тоҷикӣ, байти дигар ба туркӣ ё арабӣ ва г.*); **шири мурғу пои мор** чизи ноёб, он чи аслан вуҷуд надорад.

**ШИРА** شیره моеи ширине, ки аз меваҳо ба воситаи фушурдан ҳосил мекунанд, оби мева, афшура: **ширai себ**; **шира гирифтан** а) ширадор шудан, пухта обдору ширин шудани мева, ангур *ва г*; б) *маҷ.* авҷ кардан, гарму ҷӯшон шудан (*мас., сӯҳбат*).

**ШИРАВОР** شیره‌وار хӯрданиҳои ширин (*мурраб‌о, ҳар гуна нуқл, набот ва ҳалво*), ширинӣ.

**ШИРАВОРДОН** شیره‌واردان ҷои нигоҳдории ширавор ва шириниҳо.

**ШИРАВОРПАЗ** شیره‌وارپز ширинипаз, ҳалвопаз, қаннод.

**ШИРАВОРПАЗӢ** شیره‌وارپزی 1. амали ширавор-паз. 2. корхонае, ки дар он ҷо ширавор тайёр мекунанд.

**ШИРАВОРФУРӮШ** شیره‌وارفروش касе, ки шира-вор мефурӯшад.

**ШИРАВОРФУРӮШӢ** شیره‌وارفروشی бозоре, дӯ-коне, ки дар он ширавор мефурӯшанд.

**ШИРАВОРХОНА** شیره‌وارخانه хоначаи махсус барои нигоҳдории шириниёт дар тӯю маъракаҳо.

**ШИРАДОР** شیره‌دار дорои шира; обдор, пурта-рoват; **овози ширадор** садои хуш, форам ва пуртаъсир.

**ШИРАКАЙФ** شیره کیف андак маст.

**ШИРАКАЙФӢ** شیره کیفی ҳолати ширакайф.

**ШИРАКАШ** شیره‌کش 1. он ки аз чизе шира мекашад. 2. он ки мӯътод ба кашидани дуди ширai тарёк аст.

**ШИРАКАШӢ** شیره‌کشی амали ширакаш.

**ШИРАНОК** شیره ناک *ниг.* **ширадор**.

**ШИРАТОЛА** شیراتاله атолае, ки аз ширу орд мепазанд.

**ШИРБАДАН** شیربدن он ки пӯсти баданаш сафед аст, симтан, симинтан.

**ШИРБАҲО** شیربها он чи домод вақти арӯсӣ ба падару модари арӯс медиҳад, маҳр.

**ШИРБИРИНҶ** شیربرنج таоме, ки аз шир ва биринҷ пухта мешавад.

**ШИРБО** شیربا биринҷи дар шир пухташуда, ширшулла.

**ШИРБОЗ** شیرباز :**баррai ширбоз** баррае, ки шири модарро ба серӣ макида ба воя расида бошад, парваришёфта бо шир.

**ШИРБӮЙ** شیربوی дорои бӯи шир: **лаби ширбӯй** лаби кӯдак.

**ШИРВОНӢ** شیروانی *ниг.* **шервонӣ**.

**ШИРВОР** شیروار чун шир сафед, ба ранги шир.

**ШИРГАРМ** شیرگرم ба гармии шири нав аз пистон дӯшида, андак гарм.

**ШИРГИЁҲ** شیرگیاه *бот.* як навъ гиёҳ, ки зарбат ҳам гӯянд.

**ШИРГОВ** شیرگاو *бот.* як навъ алафест, ки ширai сафеди заҳролуд дорад.

**ШИРГУН** شیرگون ба ранги шир, ба мисоли шир (*дар ранг*).

**ШИРДЕҲ** شیرده 1. гову гӯсфанди ширдиҳанда. 2. *маҷ.* касе, ки аз вай нафъе ҳосил мешавад, касе, ки аз вай чизе рӯёндан мумкин аст, серпул.

**ШИРДИҲӢ** شیردهی шир додан; **ширдиҳии гов** муддате, ки гов шир медиҳад.

**ШИРДОҒ** شیرداغ шири сӯзон бо маска ва набот.

**ШИРДОН** شیردان 1. шиканбаи барра, бузғола. 2. зарфи шир.

**ШИРДОР** شیردار моле, ки шир медиҳад, моле, ки шири зиёд дорад.

**ШИРДӮШ** شیردوش говдӯш, говҷӯш.

**ШИРДӮШӢ** شیردوشی амали дӯшандаи шир.

**ШИРЕШ** شریش моддаи часпдоре, ки аз хушконида кӯфтани соқаи гиёҳе ҳосил мешавад, асосан дар саҳҳофӣ ва пойафзордӯзӣ ба кор меравад, сиреш.

**ШИРЕШКОРӢ** شریشکاری бо ширеш пайваст кардану часпондан.

**ШИРЕШКОСА** شیریشکاسه косаи махсус барои нигоҳ доштани ширеш.

**ШИРЕШПАЗ** شریشپز он ки ширеш тайёр мекунад.

**ШИРЕШПАЗӢ** شریش پزی амали ширешпаз.

**ШИРЁН** *а.* شیریان *ниг.* **шараён**.

**ШИРЗАДА** شیرزده тифле, ки аз бенизомии синамаконӣ бемор шудааст; кӯдаки харобу лоғар.

**ШИРЗИМА** شیرذمه *кит.* гурӯҳи начандон калони одамон.

**ШИРИН** شیرین 1. ба таъму мазаи қанду асал. 2. ширадор, лазиз: **харбузаи ширин**, **себи ширин**. 3. латиф, хуш, форам, гуворо, дилкаш, хушоянд: **забони ширин, сухани ширин, хоби ширин; ширин кардан (даҳонро)** чашидани ширавор; ◊ **ҷони ширин** азиз (*дар мавриди илтифот, меҳрубонӣ ва навозиш хитоб карда мешавад*).

**ШИРИНАДО** شیریناداا хушрафтору хушгуфтор, малеҳ.

**ШИРИНАДОӢ** شیریناداائی ширинсуханӣ, латифгуфторӣ, хуштакаллумӣ, хушсуханӣ.

**ШИРИНБАЁН** شیرینبیان он ки фасеҳу дилчасп сухан мегӯяд, хушгуфтор, ширинкалом.

**ШИРИНБИЯ** شیرینبیه *бот.* гиёҳе, ки решаи ширинмазаи он дар табобати беморон ба кор меравад.

**ШИРИНГУФТОР**شیرین گفتار *ниг.* **ширинбаён**.

**ШИРИНГУФТОРӢ** شیرین‌گفتاری хушгапӣ, ширинкаломӣ.

**ШИРИНДАҲАН** شیریندهن хушгуфтор, ширинзабон.

**ШИРИНДАҲОН** شیریندهان *ниг.* **шириндаҳан**.

**ШИРИНДОНА** شیریندانه мевае, ки донаҳои ширин дорад: **анори шириндона**.

**ШИРИНЗАБОН** شیرینزبان 1. ширингуфтор, хуштакаллум. 2. хушмуомила, нармгап.

**ШИРИНЗАБОНӢ** شیرینزبانی ширинзабон будан, хушсуханӣ, хушгапӣ.

**ШИРИНИДӮСТ** شیرینی‌دوست он ки шираворро нағз мебинад ва зиёд мехӯрад.

**ШИРИНИПАЗ** شیرینی‌پز он ки касбаш пухтани шириниҳост.

**ШИРИНИПАЗӢ** شیرینی‌پزی шуғли ширинипаз.

**ШИРИНИПАЗХОНА** شیرینی پزخانه коргоҳе, ки махсус барои пухтани хӯрданиҳои ширин аст.

**ШИРИНИФУРӮШ** شیرینی‌فروش он ки ба фурӯши шириниҳо машғул аст.

**ШИРИНИФУРӮШӢ** شیرینی‌فروشی шуғл ва амали ширинифурӯш.

**ШИРИНИХӮР** شیرینی‌خور он ки ширинӣ бисёр дӯст дорад.

**ШИРИНӢ** شیرینی 1. ширин будан; *муқоб.* **талхӣ** ва **туршӣ**. 2. ширaи меваҳо, ки бо роҳи ҷӯшонидани онҳо гирифта мешавад.

**ШИРИНКАЛОМ** شیرین‌کلام хушсухан, хушгап.

**ШИРИНКОМ** شیرین‌کام он ки дар кораш муваффақият ҳаст, хушбахт.

**ШИРИНКОМА** شیرین‌کامه маблағе, ки баъд аз муомилаи харид ё фурӯш ба каси миёнарав ё ба даллол ба тариқи мукофот дода мешавад.

**ШИРИНКОР** شیرین‌کار ҳазлкаш, шӯх, латифагӯй, масхарабоз.

**ШИРИНКОРӢ** شیرین‌کاری ҳазлгӯӣ, латифагӯӣ, шӯхӣ; **ширинкорӣ кардан** шӯхӣ, латифагӯӣ кардан ё бо чақчаққои ширин дигаронро хурсанд кардан.

**ШИРИНЛАБ** شیرینلب 1. хушгуфтор, хушгап, гуфтораш фасеҳу балеғ. 2. сифати маҳбуба.

**ШИРИНЛИҚО** شیرینلقا хушсурат, дилкаш, хубрӯй.

**ШИРИНМАЗА** شیرین مزه таъми ширindошта.

**ШИРИНМИЯ** شیرینمیه *ниг.* **ширинбия**.

**ШИРИННАМО** شیرین نما камтар ширин.

**ШИРИННАФАС** شیرین نفس он ки сухани ӯ ба шунаванда таъсирбахш аст, одами хушсӯҳбат, ширингуфтор.

**ШИРИНРАҚАМ** شیرینرقم *кит.* хушнавис, хушхат.

**ШИРИНСУРУД** شیرین سرود *ниг.* **ширинтарона**.

**ШИРИНСУХАН** شیرین سخن *ниг.* **ширинбаён**.

**ШИРИНСУХАНӢ** شیرینسخنی ширинбаёнӣ, хушгапӣ.

**ШИРИНТАКАЛЛУМ** شیرینتکلم *ниг.* **ширинсухан**.

**ШИРИНТАРОНА** شیرین ترانه *кит.* ширинсуруд,

хушовоз, хушхон.

**ШИРИНХАНД** شیرین خند хушханд, хушхон.

**ШИРИНХИСОЛ** شیرین خصال дорои хислатҳои некӯ, он ки дорои хулқи нек аст.

**ШИРИНҲАРАКОТ** شیرین‌حرکت *ниг.* **ширинадо**.

**ШИРИНЧА** شیرینچه *зоол.* ҳашараи майдаи зараррасон, ки ба танаи дарахтон ва гиёҳҳо часпида шираи онҳоро мемакад ва аз офатҳои хавфноки наботот аст.

**ШИРИНҶАВОБ** شیرین‌جواب он ки бо суолҳо ҷавобҳои латиф ва нозук медиҳад, хушадо, ширинадо.

**ШИРИНШАМОИЛ** شیرین‌شمائل хушрӯ, хушсурат, зебо.

**ШИРӢ** شیری *мансуб ба* **шир**: **хӯроки ширӣ**; **дандони ширӣ** дандоне, ки одатан дар айёми ширхорагӣ мебарояд.

**ШИРК** شرک *д.* куфр, ба ягонагии Худо шак овардан.

**ШИРКАДУ** شیرکدو *хӯр.* кадуи дар шир пухташуда.

**ШИРКАТ** *а.* شرکت иштирок кардан, шарик будан; **ширкат доштан (кардан)** иштирок кардан, ҳамроҳӣ намудан. 2. муассисаи тиҷоратӣ, саноатӣ *ва г.*, ки аз иштироки чанд сармоядор ба вуҷуд меояд.

**ШИРКАТКУНАНДА** شرکت‌کننده иштироккунанда.

**ШИРҚАҲВА** شیرقهوه қаҳваи бо шир ва шакар омехта.

**ШИРҚИЁМ** شیرقیام шире, ки дар корхона махсус ғафс карда мешавад.

**ШИРМАК** شیرمک бачаи одам ё ҳайвон, ки шири модар мемакад.

**ШИРМАСТ** شیرمست бузғола ё барраи ҳанӯз ширмаки шӯху чолоку бозигар, аз шири модар сер.

**ШИРМАҲТОБ** شیرمهتاب нури маҳину ба назар хушу форами Моҳ.

**ШИРМОЛ** شیرمال навъи нон, ки хамири онро аз орди гандуму нахӯди кофта ва ширу равған тайёр мекунанд.

**ШИРМОЛПАЗ** شیرمال‌پز нонвое, ки нони ширмол мепазад.

**ШИРМОЛПАЗӢ** شیرمال‌پزی 1. пухтани нони ширмол. 2. нонвойхонае, ки дар он нони ширмол мепазанд.

**ШИРМОҲӢ** شیرماهی *зоол.* як навъ моҳии гӯшташ болаззат аз оилаи гулмоҳиҳо.

**ШИРМУРҒ** شیرمرغ *кит.* муши паррон, кӯршабпарак, хаффош.

**ШИРНАВБАТ** شیرنوبت қарор дар байни чанд хонаводаи говдор, ки шири дӯшидашударо ба навбати рӯзи муқаррариашон мегиранд.

**ШИРО(Ъ)** *а.* شراء // شرا харид, харидан; **широу байъ** харидуфурӯш.

**ШИРОВАР** شیرآور зиёдкунандаи шир: **ғизои шировар**.

**ШИРОЗ** شیراز *кит.* нонхӯрише, ки шибитро реза карда бо мост меомезанд ва камтар шир рехта чанд рӯз то турш шуданаш нигоҳ медоранд ва баъд онро мехӯранд.

**ШИРОК** *а.* شراک банди кафш, тасмаи кафш.

**ШИРОЪ** *а.* شراء *кит.* 1. бодбони киштӣ. 2. ҳар чизи баландбардошта чун хайма ва соябон.

**ШИРПАЙВАНД** شیرپیوند навъе аз зардолуи ширину хуштаъм.

**ШИРПАРВАРД** شیرپرورد ширхор; нозпарвард.

**ШИРПОЛАК** شیرپالک *ниг.* **ширполо**.

**ШИРПОЛО** شیرپالا дока барои соф кардани шир.

**ШИРПУЛӢ** شیرپولی *ниг.* **ширбаҳо**.

**ШИРРАВҒАН** شیرروغن шири гарми равғаномехта.

**ШИРРАНГ** شیررنگ ранги сафеди зардтоб.

**ШИРРОС** شیراس садои ҷараён ва резиши об; **ширрос задан** бо садо ҷорӣ шудани об.

**ШИРСӮЗ** شیر سوز *ниг.* **ширдоғ**.

**ШИРФУРӮШ** شیرفروش он ки шир мефурӯшад, фурӯшандаи шир.

**ШИРФУРӮШӢ** شیرفروشی шуғли ширфурӯш; фурӯши шир; ҷои фурӯхтани шир.

**ШИРХИШТ** شیرخشت ширае, ки танаи баъзе гиёҳҳоро харошида ҳосил мекунанд ва ранги

зардчатоб дошт ва дар давраи пеш ҳамчун дору истифода мешуд.

**ШИРХОНА** شیرخانه хонаи нигоҳдории шир.

**ШИРХОР//ШИРХОРА** شیرخوار//شیرخواره кӯдаке, ки ҳанӯз шири модар мемакад, бачаи ширхӯр, тифл, кӯдак.

**ШИРХОРА** شیرخواره *ниг.* **ширхор**.

**ШИРХОРАГӢ** شیرخارگی кӯдакӣ, тифлӣ, даврони ширмакӣ.

**ШИРХӮР** شیرخور *ниг.* **ширхор**.

**ШИРХӮРА** شیرخوره 1. ширхӯр. 2. бародар ё хоҳари ширӣ, ду бачаи падару модар ҷудое, ки аз пистони як модар шир хӯрдаанд.

**ШИРХӮРАГӢ** شیرخورگی *мансуб ба* **ширхӯра**; ширхӯра будан.

**ШИРЧОЙ** شیرچای шири бо чой ҷӯшонида, ки равғани зард андохта мехӯранд.

**ШИРҶӮШ** شیرجوش *ниг.* **ширдӯш**.

**ШИРҶӮШӢ** شیرجوشی дӯшидани шири гов, гӯсфанд *ва г.,* амали ширҷӯш.

**ШИР-ШИР** شرشر *калимаи тақлиди овози* ҷорӣ шудани об.

**ШИРШӮЛА** شیر شوله *ниг.* **ширбиринҷ**.

**ШИРЪАТ** *а.* شرعت *кит.* 1. зеҳи камон. 2. дом барои паранда.

**ШИСТАН** شستن *шакли кӯтоҳшудаи* **нишастан.**

**ШИТИРРОС** شتّراس *калимаи тақлиди овози* баҳамрасии барг ва гиёҳҳо; **шитиррос задан** ба ҳам расида садо баровардани барг ва гиёҳҳо.

**ШИТО** I *а.* شتاء *кит.* зимистон, фасли зимистон.

**ШИТО** II شتا *кит.* он ки ноништа (ношто) накардааст ё наҳор нахӯрдааст, гурусна.

**ШИТОБ** شتاب таъҷил, аҷала; *муқоб.* **даранг**; **шитоб доштан (кардан)** аҷала кардан, саросема будан.

**ШИТОБЗАДА** شتاب زده саросема, боаҷала.

**ШИТОБЗАДАГӢ** شتابزدگی *марбут ба* **шитобзада**; шитобзада будан.

**ШИТОБИДАН** شتابیدن *ниг.* **шитофтан**.

**ШИТОБКОР** شتابکار аҷалакунанда, шитобкунанда дар иҷрои коре, саросема.

**ШИТОБКОРӢ** شتابکاری аҷала, саросемагӣ.

**ШИТОБКОРОНА** شتابکارانه бо аҷала, бо шитоб, басуръат, саросемаворона.

**ШИТОБКУНӢ** شتابکنی саросема шудан.

**ШИТОБОЛУД** شتابآلود шитобон, ботаъҷил.

**ШИТОБОН** شتابان дар ҳолати шитоб, босуръат, башитоб.

**ШИТОЛАНГ** شتالنگ буҷули по, устухони пошнаи по.

**ШИТОЛИНГ** شتالنگ *ниг.* **шитоланг**.

**ШИТОФТАН** شتافتن шитоб кардан, аҷала кардан, бо суръат рафтан ва давидан.

**ШИТТА** شتّه 1. лойқаи собун, он чи вақти собунпазӣ дар таги дег таҳнишин мешавад. 2. умуман лойқа; **лойи шитта** лойи часпаки мулоим.

**ШИФЕР** *олм.* شیفیر масолеҳи сохтмонӣ барои бомпӯшӣ.

**ШИФЕРБАРОРӢ** شیفیربراری истеҳсоли шифер: **корхонаи шифербарорӣ**.

**ШИФЕРӢ** شیفیری бо шифер пӯшондашуда.

**ШИФЕРПӮШ** شیفیرپوش бо шифер пӯшидашуда (*боми ҷое*).

**ШИФЕРФУРӮШ** شیفیرفروش он ки ба фурӯхтани шифер машғул аст, фурӯшандаи шифер.

**ШИФЕРФУРӮШӢ** شیفیرفروشی фурӯши шифер: **ҷои шиферфурӯшӣ**.

**ШИФО** *а.* شفا 1. тандурустӣ, раҳоӣ аз беморӣ, сиҳатшавӣ. 2. даво, дармон; **шифо ёфтан** сиҳат шудан, аз беморӣ раҳоӣ ёфтан.

**ШИФОАНГЕЗ** شفاانگیز *ниг.* **шифобахш**.

**ШИФОБАХШ** شفابخش сиҳаткунанда, беҳбудибахшанда; давоӣ, аз дарде шифодиҳанда.

**ШИФОБАХШӢ** شفابخشی шифобахш будан; хусусияти дорӯӣ доштан (-и доруе); шифодиҳанда будан.

**ШИФОДИҲАНДА** شفا دهنده *ниг.* **шифобахш**.

**ШИФОЁБАНДА** شفایابنده дард ё касалие, ки илоҷи даво дорад.

**ШИФОЁБӢ** شفایابی беҳ гаштани ҳоли бемор.

**ШИФОКОР** شفاکار табиби ҳозиқ, пизишки донишманд.

**ШИФОН** *фр.* شفان матои тунуки нарми абрешимӣ ё нахӣ, ҳарир.

**ШИФОНЕР** *фр.* شفانیر ҷевон барои нигаҳдории либос.

**ШИФОНОПАЗИР** شفاناپذیر беҳна шаванда, бедаво, бедармон: **дарди шифонопазир**.

**ШИФОПАЗИР** شفاپذیر дурустшаванда, сиҳатёбанда, дармонпазир: **дарди шифопазир**.

**ШИФОХОНА** شفاخانه муолиҷахона, беморхона, дармонгоҳ.

**ШИФОҲАН** *а.* شفاهاً *ниг.* **шифоҳӣ**.

**ШИФОҲӢ** شفاهی он чи даҳанакӣ гуфта шавад, забонӣ, даҳанакӣ; *муқоб.* **хаттӣ**.

**ШИФР** *фр.* شیفر *ниг.* **рамз**.

**ШИФРКУШОӢ** شیفر کشای *ниг.* **рамзкушоӣ**.

**ШИФТ** شفت пӯшиши болои хона аз дарун, сақф.

**ШИФТРАВ** شفت‌رو **:дузди шифтрав** дузди гузаро, дузди моҳиру чолок.

**ШИХОР** شخار араќи дастии яҳудиён.

**ШИҲ** شیه *бот.* явшон, дармана.

**ШИҲА** شیهه овози баланди асп; шеҳа; **шиҳа задан (кашидан)** бонг задан (-и асп).

**ШИҲАК** شیهک **:шиҳак додан** *лаҳҷ.* ҳавои касеро баланд кардан, барангехтан.

**ШИҲАКАШӢ** شیهه‌کشی шиҳа кашидани асп.

**ШИҲОБ** *а.* شهاب 1. шӯъла, шӯълаи оташ. 2. ситораи дурахшони паррон.

**ШИҲОББОРОН** شهاب‌باران бархӯрди ситораҳои паррони бисёр бо ситораи дигар ё бо сайёрае.

**ШИҲОБИРАНГ** شهابی‌رنگ ранги сурхи арғувонӣ, сурхи баланд, қирмизӣ.

**ШИҲОБӢ** شهابی ба шиҳоб монанд.

**ШИҲОБПОРА** شهاب‌پاره қисми хурди шиҳоб, шикаста ва тиккае аз шиҳоб.

**ШИҲОБСИФАТ** شهاب‌صفت шиҳобвор, чун шиҳоб дурахшон.

**ШИША** شیشه 1. ҷисми шаффофи шиканандае, ки аз гудохта ба қолибҳои гуногун рехтани омехтаи реги кварстӣ ҳосил мешавад: **шишаи тиреза**. 2. зарфи шишагӣ барои моеот.

**ШИШАБАНД** شیشه‌بند шиша нишондашуда, бо шишаҳо басташуда**: айвони шишабанд**.

**ШИШАБАНДӢ** شیشه‌بندی **:шишабандӣ кардан** шиша нишондан, бо шишаҳо орову зинат додан.

**ШИШАБАРОРӢ** شیشه‌براری коргоҳе, ки дар он шиша истеҳсол мешавад.

**ШИШАБОЗ** شیشه باز он ки дар сирк ба воситаи шиша найранг нишон медиҳад, *мас.* шишапора мехӯрад, бо пойи бараҳна болои шишапораҳо рақс мекунад *ва г.*

**ШИШАБОЗӢ** شیشه‌بازی найрангбозӣ, шӯъбадабозӣ; **шишабозии сиришк** ҷорӣ шудани оби дида.

**ШИШАБУР** شیشه‌بر 1. устои махсуси бурандаи шиша. 2. *ниг.* **шишабурак**.

**ШИШАБУРАК** شیشه‌برک асбоби чархакдори алмосии махсус барои буридани шиша.

**ШИШАБУРӢ** شیشه بری амали шишабур.

**ШИШАВОР** شیشه‌وار 1. чун шиша, ба монанди шиша; зудшикан. 2. маснуоти шишагӣ.

**ШИШАГАР** شیشه‌گر шишасоз, коргари коргоҳи шишабарорӣ.

**ШИШАГАРӢ** شیشه‌گری 1. касбу кори шишагар. 2. коргоҳи шишасозӣ.

**ШИШАГИН** شیشگین *ниг.* **шишагӣ**: **сандуқчаи шишагин**.

**ШИШАГӢ** شیشگی аз шиша сохташуда; **дари шишагӣ** дари шишадор.

**ШИШАГУН** شیشه‌گون ба шиша монанд, беранг; ранги обӣ.

**ШИШАДИЛ** شیشه‌دل нозукдил; *муқоб.* **сангдил**.

**ШИШАДОР** شیشه‌دار он чи дар худ ва дар таркиби худ шиша дорад: **дари шишадор**.

**ШИШАК** شیشک барраи яксолаи гӯсфанд.

**ШИШАКОР** شیشه‌کار *кит.* нозуккор, нозуктабъ.

**ШИШАКОРӢ** شیشه کاری *ниг.* **шишабандӣ**.

**ШИШАМ//ШИШУМ** شیشم *кит.* 1. номи яке аз оҳангҳои таснифкардаи Борбад. 2. номи олати мусиқӣ.

**ШИШАМАЙДА** شیشه‌میده пораю резаҳои шишаи шикаста.

**ШИШАМОНАНД** شیشه‌مانند *ниг.* **шишагун.**

**ШИШАНИҲОД** شیشه‌نهاد *кит.* 1. шишамонанд. 2. бебаҳо; **фалаки шишаниҳод** *киноя аз* нопойдор, бебаҳо, бевафо.

**ШИШАПАЗ** شیشه‌پز он ки дар корхона шиша тайёр мекунад.

**ШИШАПАЗӢ** شیشه‌پزی шуғли шишапаз; шишагарӣ, шишабарорӣ.

**ШИШАПАХТА** شیشه‌پخته пахтаи шишагӣ, ки барои гарминигаҳдорӣ ба лӯлаҳо мепечонанд.

**ШИШАПОРА** شیشه پاره *ниг.* **шишамайда**.

**ШИШАРЕЗА** شیشه ریزه *ниг.* **шишамайда**.

**ШИШАСОЗ** شیشه ساز *ниг.* **шишагар**.

**ШИШАСОЗӢ** شیشه سازی *ниг.* **шишагарӣ.**

**ШИШАТОЗАКУНАК** شیشه‌تازه‌کنک асбоби махсус, ки дар вақти боридани барфу борон шишаи пеши мошинҳоро тоза мекунад, барфпок.

**ШИШАҶОН** شیشه جان *киноя аз* каси нозуктабъу заифтабъ.

**ШИШТ** ششت *гуфт.* нишаст; сӯҳбат, зиёфат.

**ШИШТАН** ششتن *ниг.* **нишастан**.

**ШИШТА-ШИШТА** ششته ششته *гуфт.* пас аз муддате нишастан; оҳиста-оҳиста.

**ШИШТУХЕЗ** ششت‌وخیز нишасту бархост, равуо, зиндагӣ, рӯзгузаронӣ.

**ШИШТУХЕЗӢ** ششت وخیزی муошират ва рафтор доштан бо касе, ба ҷое равуо доштан.

**ШИШУМ** شیشم *ниг.* **шишам**.

**ШЛАГБАУМ** *олм.* شلگبئم ғави бардошта ва фуровардашаванда барои бастани роҳ дар гузаргоҳҳои умумӣ (*мас., дар ҷоҳое, ки роҳи оҳан гузаргоҳи умумиро бурида мегузарад*).

**ШЛАНГ** *р.* شلنگ лӯлаи дарунхолии резинӣ барои гузарондан ё кашида гирифтани ҷисмҳои обакӣ ва газҳо.

**ШЛЮЗ** *р.* شلیوز таҷҳизоти махсус аз қабили бандҳо ва дарғотҳо барои сатҳи оби дарёҳоро пасту баланд кардан.

**ШОБ(Б)** *а.* شاب *кит.* ҷавон; **шайху шоб** пиру ҷавон; ҳама.

**ШОБЕЗАК** شابیزک *бот.* гиёҳи заҳрноки меваҳояш сиёҳранг, ки хосияти табобатӣ дорад.

**ШОБОЗ** شاباز *шакли гуфтугӯии* **шоҳбоз** (2); диловар, далер, чолок, чирадаст (*дар мавриди таҳсин гуфта мешавад*).

**ШОБОШ** شاباش 1. *шакли кӯтоҳшудаи* **шодбош**; аҳсан, офарин; 2. саломат бош, хушнуд бош.

**ШОВИНИЗМ** *фр.* شاوینزم миллатгароии ифротии иртиҷоӣ, ки бартарии ирқӣ тарғиб мекунад ва байни миллатҳо тафриқаву низоъ меангезад.

**ШОВИНИСТ** *фр.* شاونیس тарафдори шовинизм, миллатгарои иртиҷоӣ.

**ШОВИНИСТӢ** شاونیستی *мансуб ба* **шовинист**; пайравӣ аз шовинизм.

**ШОГИРД** شاگرد 1. он ки дар назди усто ё муаллиме чизе меомӯзад (*дарс, касбу ҳунаре*). 2. хонанда, талаба, дарсхон. 3. ёрманд, дастёр, хизматгор; **шогирд шудан** ба касе кор омӯхтан, барои коромӯзӣ кор кардан ё хондан дар назди касе.

**ШОГИРДАК** شاگردک 1. *шакли тасғирии* **шогирд**. 2. дар мӯзадӯзӣ - ресмончаи кӯтоҳаке, ки ба сӯзан гузаронда шудааст ва вақти дӯхтан ресмони дарозро ба он васл мекунанд.

**ШОГИРДӢ** شاگردی омӯхтани касб ё дониш дар назди усто ё муаллиме; амал ва шуғли шогирд; **ба шогирдӣ гирифтан** *касеро* касеро ба назди худ барои ҳунаромӯзӣ гирифтан; **шогирдӣ кардан** шогирд будан, вазифа ва кори шогирдро ба ҷо овардан; **ба шогирдӣ додан** касеро барои омӯхтани касбу ҳунаре ба назди устое мондан.

**ШОГИРДОНА** شاگردانه ҳамчун шогирд; дар пайравӣ.

**ШОГИРДПЕША** شاگردپیشه 1. чокар, мулозим, пайкор, навкар (*дар ҳузури амалдори калон ё ҳоким дар Бухорои амирӣ*). 2. пасттарин дараҷаи хизмати давлатӣ (*дар аморати Бухоро*).

**ШОГИРДПЕШАӢ** شاگردپیشه‌ای кор ва вазифаи шогирдпеша.

**ШОГИРДЧӮБ** شاگرد چوب чӯбе, ки ба воситаи он пиллаи абрешимро пас аз ҷӯшондан аз ҳам ҷудо мекунанд.

**ШОД** شاد хушнуд, хурсанд, хушҳол, хушу хуррам; **шод кардан** боиси хурсандии касе шудан; ◊ **арвоҳи** *касеро* **шод кардан** касеро ба хайру некӣ ёд кардан.

**ШОДАРВОН** شادروان *ниг.* **шодурвон**.

**ШОДБАҲР** شادبهر *кит.* хушбахт, хурсанд, аз шодӣ баҳравар.

**ШОДБОД** شادباد табрик; таҳсину таъриф; **шодбод гуфтан** таҳсин кардан, офарин хондан.

**ШОДБОДӢ** شادبادی **:шодбодӣ кардан** табрик кардан, муборакбодӣ кардан.

**ШОДБОШ(Ӣ)** شادباش//شادباشی табрик кардан, муборакбод намудан.

**ШОДВАРД** شادورد *кит.* 1. хирмани Моҳ, ҳола. 2. тахт, сарир, маснад.

**ШОДГУНА** شادگونه *кит.* 1. такягоҳ, болишт. 2. зани мутриба.

**ШОДДИЛ** شاددل хушҳол, дилшод, масрур.

**ШОДИАНГЕЗ** شادی‌انگیز он чи боиси хурсандию хушҳолӣ мегардад; хурсандибахш.

**ШОДИБАХШ** شادی‌بخش хушҳолкунанда, хурсандиовар.

**ШОДИЁНА** شادیانه 1. хурсандона, аз рӯи хурсандӣ; ба муносибати рӯй додани ягон ҳодисаи шодибахш. 2. ҳадя ба касе, ки ягон хабари шодибахш овардааст, муждагонӣ; **шодиёна гирифтан** *аз касе* муждагонӣ ситондан барои овардани хабари хуше.

**ШОДИКАФ(АК)** شادی‌کف//شادی‌کفک дилкаф шудан аз хурсандӣ, марги ногаҳонӣ аз шунидани ягон хабари хуш; **шодикафак шудан**.

**ШОДИМАРГ** شادی مرگ марги ногаҳоние, ки аз ниҳояти шодӣ рӯй медиҳад.

**ШОДИОВАР** شادی‌آور шодибахш, хушҳолкунанда.

**ШОДӢ** شادی хурсандӣ, хушҳолӣ, хушнудӣ.

**ШОДКОМ** شادکام 1. хушҳол, шодмон. 2. комрон.

**ШОДКОМӢ** شادکامی 1. хушнудӣ, хурсандӣ. 2. комронӣ, комгорӣ.

**ШОДМОН** شادمان шод, хурсанд, хушҳол.

**ШОДМОНӢ** شادمانی шодӣ, хурсандӣ, хушҳолӣ.

**ШОДМОНОНА** شادمانانه бо шодӣ, бо хурсандӣ, шодон.

**ШОДОБ** شاداب 1. пуроб, сероб, обдор, ширадор. 2. тару тоза, сабзу хуррам, пуртароват; **шодоб кардан** аз об сер кардан; сабзу шукуфон гардонидан.

**ШОДОН** شادان дар ҳолати шодию хурсандӣ, шодмон, хушҳол, хушдил.

**ШОДОНДИЛ** شادان دل *кит.* дилшод, хуррамдил, хурсанд.

**ШОДРАВОН** شاد روان 1. бо эҳтиром ёдоварӣ кардани шахси вафоткарда. 2. марҳум, раҳматӣ.

**ШОДУРВОН** شادروان *кит.* саропарда, хайма; шомиёнаи подшоҳӣ.

**ШОДХОР** شادخوار *кит.* 1. шодмон, хушҳол. 2. шаробхӯр, майхӯр, махора.

**ШОДХОРӢ** شادخواری шодмонӣ, хушҳолӣ, хурсандӣ.

**ШОЕА** *а.* شایعه *кит.* хабари рост ё дурӯғ, ки шоеъ (паҳн) шудааст, овоза, миш-миш.

**ШОЕЪ** *а.* شایع *кит.* паҳншуда, ошкор, овозашуда; **шоеъ шудан** паҳн шудан, ошкор шудан, ба ҳама маълум гардидан.

**ШОЁН** شایان шоиста, сазовор, лоиқ, арзанда; **шоёни диққат** сазовори диққат, ба диққат арзанда; **шоёни тақдир** он чи сазовор ва лоиқи тақдир аст.

**ШОИБА** *а.* شائبه *кит.* 1. омезиш, олудагӣ; олуда шудан ба чизи ифлос ва палид. 2. шакку шубҳа, гумон. 3. офат, бадбахтӣ; осеб. 4. мисл, монанд

**ШОИДАН** شائیدن//شاییدن *кит.* лоиқ будан, муносиб будан, шоиста ва сазовор будан.

**ШОИҚ** *а.* شائق 1. шавқдиҳанда, шавқангез. 2. ҳавасманд, орзуманд, иштиёқманд.

**ШОИР** شاعر он ки шеър мегӯяд (менависад), гӯяндаи шеър.

**ШОИРА** شاعره *муаннаси* **шоир**; зане, ки шеър менависад, зани шеъргӯянда.

**ШОИРӢ** شاعری шеърнависӣ, шеър гуфтан, касбу

пешаи шоир.

**ШОИРНАМО** شاعرنما он ки худро шоир метарошад.

**ШОИРОНА** شاعرانه шоирвор, чун шоир.

**ШОИРТАБИАТ** شاعرطبیعت он ки табиаташ моил ба шоирист; шеърфаҳм, шеърдӯст.

**ШОИРТАБЪ** شاعرطبع *ниг.* **шоиртабиат**.

**ШОИРТАРОШ** شاعرتراش он ки худро шоир ба қалам медиҳад.

**ШОИРТАРОШӢ** شاعرتراشی амали шоиртарош; шоиртарош будан.

**ШОИСТА** شایسته сазовор, лоиқ, муносиб, шоён.

**ШОИСТАГӢ** شایستگی арзандагӣ, сазоворӣ; эътибор, манзалат.

**ШОИСТАН** شایستن сазовор будан, лоиқ будан, муносиб будан.

**ШОЙВАРД** شایورد *ниг.* **шодвард**.

**ШОЙГОН** شایگان *кит.* 1. сазовор, лоиқ, шоиста. 2. фаровон, бисёр: **ганҷи шойгон**.

**ШОКИР** *а.* شاکر шукргузор, шукркунанда, сипосгузор, миннатдор.

**ШОКӢ** *а.* شاکی *кит.* шикояткунанда, гилакунанда.

**ШОКОР** شاکار *кит.* корҳои маҷбурии бемузд, бегор.

**ШОКОСА** شاکاسه *ниг.* **шоҳкоса**.

**ШОҚ(К)** *а.* شاق *кит.* сахт, душвор, мушкил.

**ШОҚҚА** *а.* شاقه *кит. муаннаси* **шоқ(к)**; душвор, сахт, кори душвори тоқатфарсо; **меҳнати шоққа** меҳнати (кори) тоқатфарсо.

**ШОҚУЛ** شاقول гулӯлаи махсус, ки ба сари ресмоне меовезанд ва дар бинокорӣ барои санҷидани ростӣ ё каҷии девор ба кор мебаранд.

**ШОҚУЛӢ** شاقولی *мансуб ба* **шоқул**.

**ШОЛ** شال 1. матои дастибофти дағал аз пашм: **ҷуволи шол** 2. палоси дастибофти пашмин, гилеми пашмин.

**ШОЛВОР** شالوار *ниг.* **шалвор**.

**ШОЛИЗОР** شالیزار киштзори шолӣ, замине, ки дар он шолӣ киштаанд.

**ШОЛИКОР** شالیکار он ки бо кишту кор шолӣ машғул аст, кишткунандаи шолӣ.

**ШОЛИКОРӢ** شالیکاری 1. амали шоликор. 2. замине, ки дар он шолӣ киштаанд. 3. кишти шолӣ, киштани шолӣ.

**ШОЛИКӮБАК** شالیکوبک асбоби махсус барои ҷудо кардани биринҷ аз пӯстлохи шолӣ.

**ШОЛИКӮБӢ** شالیکوبی кӯфта ҷудо кардани биринҷ аз пӯстлохи шолӣ.

**ШОЛИПАХОЛ** شالیپخال алафе, ки дар натиҷаи кӯфтани шолӣ аз пояи он ҳосил мешавад.

**ШОЛИПОЯ** شالیپایه 1. киштзори шолӣ, шолизор. 2. соқаи шолӣ.

**ШОЛӢ** I شالی биринҷи ҳанӯз нокӯфта ва аз пӯстлох ҷудо карданашуда.

**ШОЛӢ** II شالی *мансуб ба* **шол**.

**ШОЛНАМАД** شالنمد ҷул, сағрипӯши намадин; палоси намадин.

**ШОЛУДА** شالوده *кит.* пойдевор, таҳкурсӣ, бунёд.

**ШОЛҲАНГ** شالهنگ *кит.* 1. гарав, гаравгон. 2. шӯр, ғавғо. 3. макр, фиреб, ҳила, найранг.

**ШОЛЧА** شالچه палоси хурд; палос.

**ШОМ** شام 1. аввали шаб, ҳангоми акнун торик шудани ҳаво, вақти говгум; **шому саҳар** ҳама вақт, мудом, доимо. 2. хӯроке, ки бегоҳӣ хӯрда мешавад: **хӯроки шом**. 3. номи қадимаи кишвари Сурия.

**ШОМГОҲ** شامگاه вақти шом, бегоҳӣ, вақти говгум, ҳангоми ғуруби Офтоб.

**ШОМГОҲОН** شامگاهان дар вақти шом, вақте ки шом шавад, говгум.

**ШОМИЁНА** شامیانه хиргоҳ (чодир, хайма)-и калони зебо барои пазироии меҳмонон; саропарда; **шомиёна задан** шомиёна барпо кардан, чодир афроштан.

**ШОМИЛ** *а.* شامل фарогиранда, дарбаргиранда; **шомил будан** доро будан.

**ШОМИХ** *а.* شامخ 1. баланд. 2. ҳавобаланд, мутакаббир.

**ШОМӢ** شامی 1. *мансуб ба* **шом**. 2. хӯроки бегоҳӣ.

**ШОММА** *а.* شامّه ҳисси бӯёӣ, бӯйфаҳмӣ (*яке аз панҷ ҳис*).

**ШОМХӮРДА** شام‌خورده аз пуррагӣ ва ҳолати бадр ба нақс ва ба завол майлкарда: **моҳи шомхӯрда**.

**ШОН** I *а.* شان *ниг.* **шаън**.

**ШОН** II شان *шакли ихтисории* **эшон**; онҳо; вайҳо.

**ШОН** III شان қолиби соқи мӯза, шончӯб: **шони мӯза**.

**ШОН** IV شان *кит.* канду, хонаи занбӯри асал.

**ШОНА** I شانه 1. олати дандонадор барои ҳамвор кардан ва ба тартиб овардани мӯй; **шона задан** мӯйҳоро бо шона ба тартиб овардан; **шона бастан** шоху навда баровардани ниҳолҳо (*растаниҳо*). 2. олатест дар дӯкони бофандагӣ, ки торҳоро дуто-дуто аз даруни вай мегузаронанд; ◊ **шона-шона кардан** сарпечӣ кардан, саркашӣ кардан; чапғалат додан..

**ШОНА** II شانه устухонҳои паҳну тунуки белчамонанад, ки бозуҳои дастро ба бадан мепайвандад; дӯш, китф.

**ШОНАБАЙН** شانه‌بین *тиб.* байни ду шона, қисми болоии сутунмӯҳра, аз гардан поёнтар.

**ШОНАБАНДӢ** شانه‌بندی *исми амал аз* **шона бастан**.

**ШОНАБАҲО** شانه‌بها *маҷ.* арзонбаҳо, хеле арзон.

**ШОНАГӢ** شانگی 1. торҳои аз даруни олати шона дутоӣ гузаронидашаванда. 2. матои ҷомавори бо ин торҳо бофташуда.

**ШОНАДОН** شانه دان ғилоф барои шона.

**ШОНАЗАН** شانه‌زن 1. устои бофанда, ки торҳоро аз даруни шона дутоӣ мегузаронад. 2. *ниг.* **машшота** 1.

**ШОНАЗАНӢ** شانه زنی амали шоназан.

**ШОНАКУНӢ** شانه کنی *ниг.* **шоназанӣ**.

**ШОНАМОНАНД** شانه‌مانند ба шона монанд, мисли шона.

**ШОНАНАДИДА** شانه‌ندیده мӯи чанд вақт боз шонанашуда.

**ШОНАПАРТОӢ** شانه‌پرتائی ҳосил набаста шонаашро партофтани растанӣ.

**ШОНАПАҲН** شانه‌پهن он ки китфи сербар дорад, фарохкитф; тануманд.

**ШОНАСАР//ШОНАСАРАК** شانه‌سر// شانه‌سرک ҳуд–ҳуд, парандае, ки болои сараш ба шона монанд аст.

**ШОНАСАРАК** شانه سرک *ниг.* **шонасар.**

**ШОНАСИФАТ** شانه‌صفت монанди шона, шонасон.

**ШОНАТАРОШ** شانه‌تراش устое, ки аз чӯби махсус шона метарошад.

**ШОНАТАРОШӢ** شانه‌تراشی касбу кори шонатарош; сохтани шона аз чӯби махсус.

**ШОНАФАРОХ** شانه فراخ *ниг.* **шонапаҳн**.

**ШОНАХӮРДА** شانه خورده шонашуда.

**ШОНДАН** شاندن *кит.* 1. шона кардан. 2. шинондан, фурӯ нишондан, бартараф кардан.

**ШОНЗДАҲ** شانزده *шумораи миқдори* адади даҳ ва шаш, 16.

**ШОНЗДАҲСОЛА** شانزده‌ساله он ки умраш ба шонздаҳ расида бошад.

**ШОНЗДАҲСОЛАГӢ** شانزده سالگی дар давраи шонздаҳсола будан, шонздаҳсола шудан.

**ШОНЗДАҲУМ** شانزدهم *шумораи тартибӣ аз* **шонздаҳ**.

**ШОНЗДАҲУМИН** شانزدهمین *ниг.* **шонздаҳум**.

**ШОНӢ** *а.* شانی *кит.*душман.

**ШОНЧӮБ** شان چوب *ниг.* **шон** III.

**ШОПУЛ** شاپول *ниг.* **шоҳпул**.

**шор** شار 1. *асоси замони ҳозира аз* **шоридан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънии* **шоранда**, **раванда**: **обшор**, **хуншор**, **арақшор**.

**ШОР** شار *кит.* шаҳр.

**ШОРА** *ҳ.* شاره 1. дастори бузурги нафис ва мунаққаши ҳиндӣ, салла. 2. чодире, ки занони ҳиндӣ ба таври махсус мепӯшанд, сорӣ.

**ШОРАК** شارک *зоол.* парандаи хурди сиёҳранги хушовоз; сор, мурғак.

**ШОРБУН** شاربون *тиб.* захме, ки дар меъда ё дигар узвҳои дарунӣ пайдо мешавад.

**ШОРЕҲ** *а.* شارح шарҳкунанда, баёнкунанда, тафсир ва маънидодкунанда; шарҳнавис ба асаре.

**ШОРЕЪ** *а.* شارع 1. роҳи бузург, кӯчаи калон, роҳи рост, шоҳроҳ. 2. соҳиби шаръ, муайянкунандаи аҳкоми шариат.

**ШОРИБ** شارب 1. нӯшанда, ошоманда. 2. мӯйлаб, бурут.

**ШОРИДАН** شاريدن равон шудан, ҷорӣ шудан; аз боло ба поин рехтани об, моеот ва чизҳои дигар.

**ШОРИҚ** *а.* شارق 1. тулӯъкунанда. 2. тобон, фурӯзон.

**ШОРИҚА** *а.* شارقه тобанда, фурӯзанда.

**ШОРИСТОН** شارستان *ниг.* **шаҳристон**.

**ШОРО** شارا шоранда, он чи мешорад.

**ШОРОН** شاران шоранда, доимо шоридан, дар ҳоли шоридан.

**ШОРОНДАН** شاراندن *тарзи бавоситаи* **шоридан**; резондан, равон кардан, ҷорӣ сохтан; ғеҷонда фуровардан.

**ШОРСОН** شارسان *ниг.* **шаҳристон**.

**ШОСПАРАМ** شاسپرم *ниг.* **шоҳсипарғам**.

**ШОССЕ** *фр.* شاسّی роҳи калону ҳамвори сангрехта ё сангфаршшуда, раҳи заминаш сахту ҳамвор, шоҳроҳ.

**ШОТ** *а.* شات *кит.* гӯсфанд, барра.

**ШОТАРА** شاتره *ниг.* **шоҳтара**.

**ШОТИР** *а.* شاطر *кҳн.* 1. дар қадим касе ки пеш-пеши аспи подшоҳ чусту чолок давида, аризаҳои додхоҳонро мегирифт. 2. чусту чолок (*одам*).

**ШОТИРХОНА** شاطرخانه ҷои ҷамъ омадани **шотирон**.

**ШОТУ** شاتو 1. шоҳтир, ариш; тири ароба. 2. нардбон.

**ШОТУПОЯ** شاتو پایه *лаҳҷ.* зинапоя.

**ШОУ** *англ.* شاو намоиши умумӣ, намоиши барномаҳои фароғатию иқтисодӣ дар телевизион.

**ШОФ** شاف шамшер; **дасти худро шоф кардан** дасти худро чун шамшер боло бардоштан.

**ШОФАК** شافک *бот.* як навъ растанӣ.

**ШОФБУРУТ** شاف بروت *ниг.* **шофмӯйлаб**.

**ШОФЕИЯ** *а.* شافعیه *д.* яке аз чаҳор мазҳаби дини ислом, ки асосгузори он имом Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Шофеӣ будааст.

**ШОФЕӢ** شافعی пайрави мазҳаби шофеия.

**ШОФЕР//ШОФЁР** *фр.* شافیر//شافیار *гуфт.* ронандаи автомобил (хоҳ саворӣ бошад, хоҳ боркаш).

**ШОФЕЪ** *а.* شافع шафоаткунанда, дархостнамоянда, хоҳишгар.

**ШОФӢ** 1. شافی басанда, қаноатбахш, кофӣ; **ҷавоби шофӣ** посухи дуруст. 2. шифобахш, шифодиҳанда.

**ШОФМОҲӢ** شاف ماهی *зоол.* моҳие, ки бинии чун шамшер дароз дорад, шамшермоҳӣ.

**ШОФМӮЙЛАБ** شافمویلب касе ки мӯйлаби дарози ғафси моил ба боло дорад, шофбурут.

**ШОХ** شاخ 1. ҷисми устухонмонанде, ки аз каллаи баъзе ҳайвонот (*буз, гов ва г.*) мерӯяд. 2. он қисми дарахт, ки аз танаи асосӣ рӯидааст, шоха, навда; **шох задан** а) ҳамла карда бо шохи худ ба касе зарба расондани чорпои шохдор; б) бо табар ва дасткола буридани шохҳои дарахт; **шохи ҳаҷомат** шохе, ки вақти хунгирӣ аз бадан ба воситаи он пӯстро макида теғ мезаданд; ◊ **шох шудан** номаълум аз ҷое бадар рафтан гурехтан.

**ШОХА** شاخه 1. шохи (навдаи) дарахт ва бутта. 2. қисми ҷудошуда аз дарё ё роҳ.

**ШОХАК** شاخک *ниг.* **шохча**.

**ШОХБАНД** شاخبند арғамчине, ки аз шохи чорпо (*гов ва г.*) гузаронда баста мемонанд.

**ШОХБАСТ** شاخبست деворае, ки аз химчаҳои ба ҳам бофта тайёр мекунанд, чапарак.

**ШОХБУР** شاخبر асбоби шамшермонанд, ки барои буридани шохи дарахтон ва буттаҳо ба кор бурда мешавад.

**ШОХДОР** شاخدار чорпое, ки шох дорад; ◊ **милтиқи шохдор** милтиқи поядор, ки устувор карда баъд тир меандохтанд.

**ШОХЗАН** شاخزن шохзананда; **гови шохзан** гове, ки одати бо шохи худ ҳуҷум кардан дорад.

**ШОХЗАНӢ** شاخ زنی амали шохзан.

**ШОХИС** شاخص *кҳн.* аломати нишондиҳандаи роҳ, ки одатан аз сангу чӯб сохта мешуданд,

**ШОМХӮРДА** شام‌خورده аз пуррагӣ ва ҳолати бадр ба нақс ва ба завол майлкарда: **моҳи шомхӯрда**.

**ШОН** I *а.* شان *ниг.* **шаън**.

**ШОН** II شان *шакли ихтисории* **эшон**; онҳо; вайҳо.

**ШОН** III شان қолиби соқи мӯза, шончӯб: **шони мӯза**.

**ШОН** IV شان *кит.* канду, хонаи занбӯри асал.

**ШОНА** I شانه 1. олати дандонадор барои ҳамвор кардан ва ба тартиб овардани мӯй; **шона задан** мӯйҳоро бо шона ба тартиб овардан; **шона бастан** шоху навда баровардани ниҳолҳо (*растаниҳо*). 2. олатест дар дӯкони бофандагӣ, ки торҳоро дуто-дуто аз даруни вай мегузаронанд; ◊ **шона-шона кардан** сарпечӣ кардан, саркашӣ кардан; чапғалат додан..

**ШОНА** II شانه устухонҳои паҳну тунуки белчамонанад, ки бозуҳои дастро ба бадан мепайвандад; дӯш, китф.

**ШОНАБАЙН** شانه‌بین *тиб.* байни ду шона, қисми болоии сутунмӯҳра, аз гардан поёнтар.

**ШОНАБАНДӢ** شانه‌بندی *исми амал аз* **шона бастан**.

**ШОНАБАҲО** شانه‌بها *мач.* арзонбаҳо, хеле арзон.

**ШОНАГӢ** شانگی 1. торҳои аз даруни олати шона дутоӣ гузаронидашаванда. 2. матои ҷомавори бо ин торҳо бофташуда.

**ШОНАДОН** شانه دان ғилоф барои шона.

**ШОНАЗАН** شانه‌زن 1. устои бофанда, ки торҳоро аз даруни шона дутоӣ мегузаронад. 2. *ниг.* **машшота** 1.

**ШОНАЗАНӢ** شانه زنی амали шоназан.

**ШОНАКУНӢ** شانه کنی *ниг.* **шоназанӣ**.

**ШОНАМОНАНД** شانه‌مانند ба шона монанд, мисли шона.

**ШОНАНАДИДА** شانه‌ندیده мӯи чанд вақт боз шонанашуда.

**ШОНАПАРТОӢ** شانه‌پرتائی ҳосил набаста шонаашро партофтани растанӣ.

**ШОНАПАҲН** شانه‌پهن он ки китфи сербар дорад, фарохкитф; тануманд.

**ШОНАСАР//ШОНАСАРАК** شانه‌سر// شانه‌سرک ҳуд–ҳуд, парандае, ки болои сараш ба шона монанд аст.

**ШОНАСАРАК** شانه سرک *ниг.* **шонасар.**

**ШОНАСИФАТ** شانه‌صفت монанди шона, шонасон.

**ШОНАТАРОШ** شانه‌تراش устое, ки аз чӯби махсус шона метарошад.

**ШОНАТАРОШӢ** شانه‌تراشی касбу кори шонатарош; сохтани шона аз чӯби махсус.

**ШОНАФАРОХ** شانه فراخ *ниг.* **шонапаҳн**.

**ШОНАХӮРДА** شانه خورده шонашуда.

**ШОНДАН** شاندن *кит.* 1. шона кардан. 2. шинондан, фурӯ нишондан, бартараф кардан.

**ШОНЗДАҲ** شانزده *шумораи миқдори* адади даҳ ва шаш, 16.

**ШОНЗДАҲСОЛА** شانزده‌ساله он ки умраш ба шонздаҳ расида бошад.

**ШОНЗДАҲСОЛАГӢ** شانزده سالگی дар давраи шонздаҳсола будан, шонздаҳсола шудан.

**ШОНЗДАҲУМ** شانزدهم *шумораи тартибӣ аз* **шонздаҳ**.

**ШОНЗДАҲУМИН** شانزدهمین *ниг.* **шонздаҳум**.

**ШОНӢ** *а.* شانی *кит.*душман.

**ШОНЧӮБ** شان چوب *ниг.* **шон** III.

**ШОПУЛ** شاپول *ниг.* **шоҳпул**.

**шор** شار 1. *асоси замони ҳозира аз* **шоридан**. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънии* **шоранда**, **раванда**: **обшор**, **хуншор**, **арақшор**.

**ШОР** شار *кит.* шаҳр.

**ШОРА** *ҳ.* شاره 1. дастори бузурги нафис ва мунаққаши ҳиндӣ, салла. 2. чодире, ки занони ҳиндӣ ба таври махсус мепӯшанд, сорӣ.

**ШОРАК** شارک *зоол.* парандаи хурди сиёҳранги хушовоз; сор, мурғак.

**ШОРБУН** شاربون *тиб.* захме, ки дар меъда ё дигар узвҳои дарунӣ пайдо мешавад.

**ШОРЕҲ** *а.* شارح шарҳкунанда, баёнкунанда, тафсир ва маънидодкунанда; шарҳнавис ба асаре.

додан, далел овардан; **шоҳиди ҳоли** *касе* **будан** ба аҳволи касе воқиф будан. 2. *мач.* зан ё ҷавони хушрӯй; хубрӯй, маҳбуб, маҳбуба.

**ШОҲИДБОЗ** شاهدباز амрадбоз, бачабоз, фосиқ.

**ШОҲИДБОЗӢ** شاهدبازی *кҳн.* амрадбозӣ.

**ШОҲИДӢ** شاهدی гувоҳӣ, шоҳид будан, шаҳодат.

**ШОҲИДПАРАСТ** شاهدپرست *кит.* шоҳидбоз; зебопараст.

**ШОҲИДПАРАСТӢ** شاهدپرستی *кит.* шоҳидбозӣ; зебопарастӣ.

**ШОҲИКАБОБ** شاهی‌کباب гӯштбирён (*аз гӯшти тунук ва майда резашуда бо дунба*).

**ШОҲИҚ** *а.* شاهق *кит.*баланд.

**ШОҲИМАРДОН** شاهی‌مردان *д.* лақаби халифаи чорум Али ибни Абутолиб.

**ШОҲИН** I شاهین 1. навъе аз парандагони шикорӣ. 2. *мач.* далер, диловар.

**ШОҲИН** II شاهین милаи чӯбин ё оҳании тарозуи дастӣ аст, ки дар ду тарафи он палла баста чизҳо бармекашанд: **шоҳини тарозу**.

**ШОҲИНШАҲПАР** شاهین‌شهپر *кит.* дорои болҳои монанди боли шоҳин.

**ШОҲӢ** I شاهی матои аз нахи абрешимӣ бофташуда, ҳарир.

**ШОҲӢ** II شاهی *мансуб ба* **шоҳ**; шоҳона.

**ШОҲКАБОБ** شاه کباب *ниг.* **шоҳикабоб**.

**ШОҲКОР** شاه‌کار кори барҷастаи бузург, ки дар иҷрои он ҳунарнамоӣ карда бошанд.

**ШОҲКОСА** شاه‌کاسه косаи калон, шоҳкоса, шокоса.

**ШОҲКОСАЧАШМ** شاه‌کاسه‌چشم калончашм, барҷастачашм.

**ШОҲМОР** شاهمار *зоол.* навъе аз морҳои калон.

**ШОҲМОТ** شاهمات номи бозии маъруф, шатранҷ.

**ШОҲМОТБОЗ** شاهمات‌باز он ки шоҳмот мебозад, шатранҷбоз.

**ШОҲМОТБОЗӢ** شاهمات بازی шатранҷбозӣ.

**ШОҲНАЙ** شاهنی *ниг.* **шаҳнай**.

**ШОҲНИШИН** شاه‌نشین *ниг.* **шаҳнишин**.

**ШОҲНОМАСАРОӢ** شاهنامه‌سرایی навиштани асари манзум дар мавзӯъ ва шакли "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ.

**ШОҲНОМАХОН** شاهنامه‌خوان он ки "Шоҳнома"-и Фирдавсиро бо оҳанги махсус мехонад.

**ШОҲНОМАХОНӢ** شاهنامه‌خوانی :**шоҳномахонӣ кардан** дар ҷамъомадҳо "Шоҳнома"-ро ба овози баланд хондан.

**ШОҲОНА** شاهانه 1. *мансуб ба* **шоҳ;** аз ҷониби шоҳ: **фармони шоҳона**. 2. муносиби шоҳ; олӣ, пуршукӯҳ.

**ШОҲПАР** شاهپر *ниг.* **шоҳбол**.

**ШОҲПАРАСТ** شاه‌پرست он ки тарафдори сохтори давлатдории шоҳигарӣ (монархистӣ) мебошад.

**ШОҲПАРАСТӢ** شاه‌پرستی *мансуб ба* **шоҳпараст**.

**ШОҲПИСАНД** شاه پسند *бот.* гиёҳест зинатӣ, ки гулҳои зебои хушбӯ дорад.

**ШОҲПУЛ** شاه پول пул (кӯпрук)-и калон.

**ШОҲРАГ** شاهرگ раги гардан, раге, ки хунро аз дил ба сар мерасонад.

**ШОҲРОҲ** شاهراه роҳи васеи калон, роҳи асосӣ, шоссе.

**ШОҲРӮД** شاهرود 1. рӯди калон. 2. *мус.* тори калони созҳои мусиқӣ, тори "бам". 3. номи яке аз созҳои торӣ.

**ШОҲСАВОР** شاهسوار 1. савори боҳашамат, савори далер ва бомаҳорат. 2. *киноя аз* **маҳбуба**.

**ШОҲСИМ** شاهسیم сими ғафси асосии барқ дар дастгоҳ ё бино; сими бисёртораи ғафс, ки кабел низ гӯянд.

**ШОҲСИПАРҒАМ** شاهسپرغم *бот.* як навъи райҳон, нозбӯ.

**ШОҲСУТУН** شاهستون сутуни асосии бино.

**ШОҲТАРА** شاهتره *бот.* номи гиёҳи худрӯе, ки гулҳои бунафшранги хурд-хурд дорад; дар об ҷӯшондаи он ба хориши бадан нофеъ аст.

**ШОҲТИР** شاهتیر 1. болори асосии сақфи хона. 2. ариш, шоту.

**ШОҲТУТ** شاهتوت тути сиёҳи калондонаи ширадор, шаҳтут.

**ШОҲҶОДА** شاهجاده *ниг.* **шоҳроҳ**.

**ШОШ//ШОША** شاش//شاشه бавл, пешоб, мезак; **шоша кардан** шошидан, бавл кардан.

**ШОША** شاشه *ниг.* **шош**.

**ШОШАДОН** شاشه‌دان халтачае дар бадани инсон, ки дар он пешоб ҷамъ мешавад, мезакдон, масона.

**ШОШБАНД** شاش‌بند *тиб.* душвории пешобкунӣ.

**ШОШИДАН** شاشیدن бавл кардан, пешоб кардан, мезидан; **хун шошидан** ба ҷои бавл хун пешоб кардан (*ба сабаби иллат ё зарбате*).

**ШОЯД** شاید балки, эҳтимол, мумкин ки; аҷаб не.

**ШОЯМ** شایم шоиста, сазовор.

**ШПАЛ** شپل *ҳол.* чӯб ё ғӯлаҳои оҳанӣ, ки ба зери релсҳои роҳи оҳан чида, релсро бо меххо бо он васл мекунанд.

**ШПАТ** *олм.* شپت *маъд.* номи умумии гурӯҳе аз маъданҳо аз ҷинси силикатҳо.

**ШТАМП** *олм.* شتمپ 1. қолиб дар рехтагарӣ. 2. тамғае, ки одатан ба гӯшаи чапи коғазҳои расмӣ зада мешавад.

**ШТАНГ//ШТАНГА** *олм.* شتنگ//شتنگه мили оҳание, ки дар ду тарафаш дискҳои оҳанӣ дорад, вазна барои бардошта қувваозмоӣ кардан дар мусобиқаҳо.

**ШТАНГАБАРДОР** شتنگه بردار вазнабардор.

**ШТАПЕЛ** *олм.* شتپیل *боф.* нахи дар корхонаи бофандагӣ ҳосилшуда.

**ШТАТ** *лот.* شتت *ниг.* **баст**.

**ШТАТӢ** شتتی *мансуб ба* **штат**.

**ШТЕМПЕЛ** *англ.* شتیمپل мӯҳр, тамға.

**ШУАБ** *а.* شعب *ҷ.* **шӯъба**.

**ШУАРО** *а.* شعرا *ҷ.* **шоир**.

**ШУБОБ** *а.* شباب ҷавонӣ; *муқоб.* **пирӣ; айёми шубоб** рӯзгори ҷавонӣ.

**ШУБОН** شبان *шакли арабишудаи* **чӯпон**; галабон.

**ШУБОНӢ** شبانی чӯпонӣ, амали чӯпон.

**ШУБҲА** *а.* شبهه шак, гумонбарӣ; **ба шубҳа андохтан** *касеро* бадгумон кардан, ба шак андохтан; **ба (дар) шубҳа афтодан** бадгумон шудан, гумонбар шудан; **шубҳа доштан** дилпур набудан, шак доштан; **шубҳа кардан** гумонбар шудан, шак доштан.

**ШУБҲААНГЕЗ** شبهه‌انگیز он чи боиси тардиду шак мешавад.

**ШУБҲАДОР** شبهه دار он ки дар коре ё масъалае шакку тардид дорад.

**ШУБҲАКУНАНДА** شبهه‌کننده *ниг.* **шубҳадор**.

**ШУБҲАНОК** شبهه‌ناک он чи мавриди шак ва шубҳа мебошад, шубҳаовар.

**ШУБҲАНОКӢ** شبهه ناکی *мансуб ба* **шубҳанок.**

**ШУБҲАОВАР** شبهه‌آور *ниг.* **шубҳаангез**.

**ШУБҲАОМЕЗ** شبهه‌آمیز нодилпурона, бо шакку тардид.

**ШУВВАС//ШУВВОС** شوّس//شوّاس садои резиши об ё вазиши бод.

**ШУВВӢ** شوّی **:шувӣ кардани дил** *гуфт.* аз ягон хабари ногаҳонӣ ваҳмида ба ҳаяҷон омадани дил.

**ШУВОТ** شوات *гуфт.* борони сим-сим, борони майда.

**ШУГ** شگ масал, афсона.

**ШУГУН** شگون 1. фоли нек; муборак шумурдани чизе, шавгун. 2. байъи аввал (дар савдо).

**ШУГУФТАН** شگفتن *кит.*, *ниг.* **шукуфтан**.

**ШУҒ** شغ *ниг.* **шағ**.

**ШУҒА** شغه *кит.* пӯсти ғафсе, ки аз кори зиёд дар даст ё аз роҳгардии зиёд дар пои одам пайдо мешавад, обила, пина.

**ШУҒЛ** *а.* شغل машғулият, кор, пеша, касб; **шуғл кардан** машғул шудан бо коре.

**ШУҒНӢ** شغنی *ниг.* **шуғнонӣ**.

**ШУҒНОНӢ** شغنانی аҳли ноҳияи Шуғнони вилояти Бадахшон, ки забони хоса доранд: **забони шуғнонӣ**.

**ШУДАН** شدن 1. гардидан, гаштан. 2. анҷом ёфтан, иҷро гардидан. 3. рафтан, равон гаштан: **аз пайи кор шудан**, **хона ба хона шудан**. 4. будан. 5. *феъли ёридиҳанда дар феълҳои таркибии номӣ:* **саргардон шудан, ҳайрон шудан, дуруст шудан, ислоҳ шудан**, **сиҳат шудан**; **калон шудан** а) ба воя расидан, бузург шудан; б) ба мансаб расидан, амал гирифтан; **сар шудан** а) сардорӣ кардан; б)

шурӯъ ёфтан, оғоз гардидан: **маҷлис сар шуд.**

**ШУДАНӢ** شدنی 1. *сифати феълии замони оянда аз* **шудан**; он чи бояд бишавад, он чи воқеъ гаштанаш мумкин аст; **шуданӣ мешаваду омаданӣ меояд** (*мақ.*); **шуданӣ шуд** он чи боист мешуд, рӯй дод (*дар мавриди гузаштани кор аз кор гуфта мешавад*). 2. лоиқ, сазовор. 3. солим, тандуруст; назаррас, ояндадор.

**ШУДГОР** شدگار замини рондашуда, замини барои кишт омодашуда; **шудгор кардан** заминро барои кишт рондан; **шудгори тирамоҳӣ** тирамоҳ баъд аз бардоштани ҳосил шудгор карда мондани замин.

**ШУДГОРБОБ** شدگار باب замини барои шудгор мувофиқ.

**ШУДГОРКУНӢ** شدگارکنی *исми амал аз* **шудгор кардан**; заминро барои кишт рӯгардон ва мулоим кардан.

**ШУДГОРПУЛӢ** شدگارپولی *таър.* андозе, ки дар аморати Бухоро аз заминҳои шудгор, аммо нокишта гирифта мешудааст.

**ШУДГОРШУДА** شدگارشده замини барои кишт тайёршуда.

**ШУДОМАД** شدآمد омадурафт, равуо, рафтуой.

**ШУЙӮЪ** *а.* شیوع *кит.* ошкор гардидан, машҳур шудан, овоза шудан.

**ШУК** شک *гуфт.*, *бот.* як навъ буттаи хордор, ки дар дашту биёбон мерӯяд, шутурхор.

**ШУКР** *а.* شکر сипосгузорӣ, миннатдорӣ аз некии касе, ташаккур; **шукр кардан** қонеъ будани худро бо миннатдорӣ изҳор кардан.

**ШУКРГУЗОР** شکرگذار шукркунанда, сипосгузор, миннатдор.

**ШУКРГУЗОРӢ** شکرگذاری шукру неъмати эҳсони касеро гуфтан, сипосгузорӣ, миннатдорӣ.

**ШУКРИЯ** شکریه *ниг.* **шукрнома**.

**ШУКРНОМА** شکرنامه навиштае, ки дар он миннатдорӣ аз некии касе баён ёфтааст, номаи шукрона, номаи миннатдорӣ, шукрия.

**ШУКРОН** شکران сипосгузорӣ кардан, шукр гуфтан, миннатдорӣ изҳор намудан.

**ШУКРОНА** شکرانه *ниг.* **шукрон**; **шукрона кардан** миннатдорӣ изҳор намудан.

**ШУКУФА** شکوفه 1. гули дарахти мева. 2. *тиб.* як навъ бемории пӯст, ки дар бадан пайдо мешавад.

**ШУКУФАДОР** شکوفه‌دار гулдор, дорои гул, гулнок.

**ШУКУФАЗОР** شکوفه‌زار ҷое, ки дарахтони зиёде шукуфтаанд, ҷои зиёдии шукуфа.

**ШУКУФО** شکوفا *ниг.* **шукуфон**.

**ШУКУФОН** شکوفان 1. дар ҳолати шукуфоӣ, шукуфта. 2. *маҷ.* обод, маъмур, дар ҳоли тараққӣ (*мамлакат, ҷой*). 3. шод, хуррам; **шукуфон шудан** а) шукуфтан; б) *маҷ.* шоду хурраму хандон шудан.

**ШУКУФОНИДАН** شکوفانیدن *тарзи бавоситаи* аз **шукуфтан**; **шукуфонидани оҳак** ба воситаи об кушоёндани оҳак.

**ШУКУФОНӢ** شکوفانی 1. шукуфо будан, дар ҳолати шукуфон будан. 2. *маҷ.* хуррам, айни мавсими авҷ ва барор.

**ШУКУФТ** شکفت кушода шудан, шукуфта шудан.

**ШУКУФТА** شکفته 1. вошуда, гулкарда, кушодашуда (гул, ғунча). 2. хандоншуда, мутабассим; **оҳаки шукуфта** оҳаке, ки об расида аз ҳам пошида ва гардмонанд шудааст.

**ШУКУФТАН** شکفتن 1. гул кардан, кушодан (-и гул). 2. хандон шудан, табассум кардан: **чеҳрааш аз шодӣ шукуфт**. 3. афрӯхтан, фурӯзон шудан: **шукуфтани оташ**.

**ШУКУФТАРӮЙ** شکفته‌روی хандонрӯй, пуртабассум .

**ШУКУФТАХӮ(Й)** شکفته‌خو(ی) *кит.* кушодатабъ, хушхулқ.

**ШУКӮҲ** شکوه 1. шавкат, ҳашамат. 2. ҳайбат ва даҳшат. 3. тавоноӣ, қудрат, дабдаба, ҷалол. 4. ҳисси эҳтиром ва таъзим, ки аз дидани шахси бузург пайдо мешавад.

**ШУКӮҲДОР** شکوه‌دار соҳиби ҷалол ва шавкат.

**ШУКӮҲИДАН** شکوهیدن *кит.* шаъну шавкат намудор кардан, пайдо кардани ҳисси тафохур.

**ШУКӮҲМАНД** شکوهمند *ниг.* **шукӯҳдор**.

**ШУКӮҲМАНДӢ** شکوهمندی соҳиби шукӯҳу ҳашамат будан.

**ШУКӮҲНОК** شکوهناک соҳиби шукӯҳу ҳашамат.

**ШУКӮҲНОКӢ** شکوهناکی соҳиби шукӯҳу ҳашамат будан.

**ШУҚҚА** *а.* شقه порае аз чизе; мактуби хурд, руқъа.

**ШУЛҒУТ** شلغوت дастзада, маҷақшуда; *маҷ.* фартут.

**ШУЛЛУК** شلّوک кирми сиёҳи дар лойқа пайдошавандаи хунмак, золу, зулук.

**ШУЛЛУКДОН** شلوکدان зарфе, ки шуллукҳоро дар он нигоҳ медоранд.

**ШУЛОН** شولان хӯроки шӯлаи суюқ.

**ШУЛХА** *р.* شلخه *гуфт.* сабӯси (пӯчоқи) чигит баъд аз кашидани равғани он, ки ба чорво медиҳанд (*аз* шелухаи *русӣ*).

**ШУЛХАХӮР** شلخه‌خور хӯрандаи шулха (*чорво*).

**ШУМ** شوم 1. наҳс, манҳус, номуборак; **хабари шум** хабари бад, хабари нохуш. 2. шӯх, беитоат.

**ШУМАРИДАН** شومریدن *ниг.* **шумориддан**.

**ШУМАТ** شمت 1. ғурур, такаббур. *2.* ҳирс. оз.

**ШУМБАЧА** شوم بچه 1. бадкор, бадкир дор. 2. нооpом, шӯх.

**ШУМГИЁҲ** شومگیاه *бот.* гиёҳи худрӯй, ки дар харбузазорҳо пайдо шуда палаки онро мехушконад.

**ШУМДИДОР** شومدیدار манҳус, номуборак, шумрӯй.

**ШУМЗОДА** شومزاده манҳусзода, аз зоти наҳс.

**ШУМЕР** شومیر халқияти бостоние дар минтақаи Байнаннаҳрайн.

**ШУМЕРӢ** شومیری *мансуб ба* **шумер**: **забони шумерӣ**.

**ШУМӢ** شومی 1. наҳсӣ, бадбахтӣ. 2. шӯхӣ, густохӣ.

**ШУМҚАДАМ** شومقدم *ниг.* **шумпой**.

**ШУМНАФАС** شومنفس он ки хабари баде овардааст, он ки гапи бади нохушро гуфтааст.

**ШУМО** شما 1. *ҷонишини шахсии шахси дуюми ҷамъ.* 2. ба тарзи эҳтиром барои ифодаи шахси дуюми танҳо низ истеъмол мешавад.

**шумор** شمار *асоси замони ҳозира аз* **шумоpидан//шумурдан**.

**ШУМОР** شمار 1. ҳисоб, миқдор: **шумори пул**. 2. адад; **беҳадду бешумор** беҳисоб, ба қадре зиёд, ки ҳисоб надорад; **шумор надоштан** беҳисоб будан, зиёд будан; **ба шумор рафтан** ҳисоб ёфтан, шумурда шудан. 3. *кҳн.* илми ҳисоб, арифметика.

**ШУМОРА** شماره 1. адад, миқдор. 2. рақам, рақами тартибии чизе.

**ШУМОРАГУЗОР** شماره‌گذار 1. он ки ба чизе рақам мегузорад. 2. асбоби рақамгузорӣ.

**ШУМОРАГУЗОРӢ** شماره‌گذاری амали шумораrузор.

**ШУМОРАЗАНӢ** شماره‌زنی *ниг.* **шуморагузорӣ**.

**ШУМОРИДАН** شماریدن //شماردن *ниг.* **шумурдан**.

**ШУМОРИШ** شمارش *исми феълӣ аз* **шумор(и)дан**; ҳисоб, ҳисоб кардан.

**ШУМПАЙ** شوم پی шумқадам, оварандаи бадбахтӣ, манҳус.

**ШУМПОЙ** شومپای он ки пои қадамаш шум, бехосият ва накбатовар аст, наҳсқадам.

**ШУМТОЛ** شومتال навъе аз ҷинси дарахти сафедор.

**ШУМТОЛЕЪ** شومطالع бадбахт, накбатзада, беиқбол.

**ШУМУЛ** شمول чизеро фаро гирифтан, дар бар гирифтан.

**ШУМУР** شمر шумор, адад, миқдор.

**ШУМУРДАН** شمردن 1. ҳисоб кардан, теъдод кардан, шумора кардан. 2. пиндоштан, маҳсуб донистан.

**ШУМУРДА** شمرده *сифати феълии замони гузашта аз* **шумурдан**; **шумурда-шумурда** ҳолати шумурдани чизе; ҳисобкунон; якто-якто; **шумурда-шумурда қадам мондан** якто-якто, бо эҳтиёт қадам мондан.

**ШУМХАБАР** شومخبر 1. хабари шум, хабари бад ва наҳс. 2. он ки хабари ногувор меорад.

**ШУМШАКЛ** شومشکل шакли наҳсу накбатовар, одаме, ки шакли дилнокаш дорад.

**ШУМШАПАЛАК** شومشپلک *зоол.* шапалаки калони бунафштоби зери болҳояш тираи

рахдор.

**ШУМШУК** شومشوک *гуфт.* безоркунанда, берӯй, беҳаё, густох; **гадои шумшук** гадои берӯи безоркунанда, гадои шилқин.

**ШУНАВАНДА** شنونده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **шунидан**; он ки ба чизе гӯш мекунад, гӯшкунанда, сомеъ. 2. хонанда, донишҷӯ (*дар баъзе мактабҳои олӣ*).

**ШУНАВИДАН** شنویدن *ниг.* **шунидан**.

**ШУНАВО** شنوا шунидашаванда, ба гӯш расанда, он чи возеҳ гуфта шуда ва нағз шунида мешавад; **бо овози шунаво** бо овози баланде, ки ҳама шунаванд.

**ШУНАВОӢ** شنوایی 1. шунаво будан. 2. яке аз ҳавоси панҷгона, ки шунидани садо ба воситаи гӯш аст; қобилияти шунидан, сомеа.

**ШУНАВОНИДАН** شنوانیدن ба гӯши касе расондан, ба самъи касе расондан, гуфтан барои он ки касе шунавад.

**ШУНАҲ** شنه *гуфт.* шӯълаи Моҳ ва Офтоб.

**ШУНИД** شنید шунидан, самъ; **аз рӯи шуниди ман** мувофиқи он чи ки ман шунидаам.

**ШУНИДАН** شنیدن истимоъ кардан, ба гӯш гирифтан, суханро гӯш кардан, чизеро гӯш кардан, дарк кардани овоз ба воситаи гӯш, гӯш додан; **шунидан кай бувад монанди дидан** (*зарб.*).

**ШУНИДАНАШУДА** شنیده‌نشده хабару овозаи гушношунид.

**ШУНИДАНӢ** شنیدنی *сифати феълии замони ҳозира аз* **шунидан**; сазовори шунидан, он чи ба шунидан меарзад: **ҳикояи шунидани.**

**ШУНИЗ** شنیز *ниг.* **сиёҳдона**.

**ШУНҚОР** *т.* شنقار мурғи шикорӣ аз ҷинси боз.

**ШУНУФТАН** شنفتن *ниг.* **шунидан**.

**ШУНУФТАНӢ** شنفتنی *ниг.* **шуниданӣ**.

**ШУОЪ** *а.* شعاع нури Офтоб; партав, рӯшноӣ: **шуои Офтоб; шуоъ афкандан** рӯшноӣ ба чизе андохтан, равшан кардан.

**ШУОЪАФКАН** شعاع‌افکن партавандоз, партавнок, тобон, дурахшон.

**ШУОЪАФКАНӢ** شعاع‌افکنی нурафканӣ, партавандозӣ.

**ШУОЪДОР** شعاع‌دار *ниг.* **шуоъафкан**.

**ШУОЪЗАНӢ** شعاع‌زنی шуоъ афкандан, дурахшидан.

**ШУОЪОСО** شعاع‌آسا монанди дурахш, мисли шуоъ.

**ШУОЪПОШ** شعاع‌پاش партавафшон, нурбор.

**ШУПУШК** شپشک *ниг.* **шабуш**.

**ШУРАКО** *а.* شرکا *ҷ.* **шарик**.

**ШУРАФО** *а.* شرفا *ҷ.* **шариф**.

**ШУРБ** *а.* شرب 1. нӯшидан, нӯшин. 2. шаробнӯшӣ, майнӯшӣ.

**ШУРРУТ** شرّوت суюқ, обакӣ: **лойи шуррут**.

**ШУРТА** *а.* شرطه 1. *кӯҳн.* дастаи посбонони шаҳр, шаҳна; **соҳиби шурта** сардори низому интизом. 2. *кит.* мувофиқ, матбӯъ; **боди шурта** боди мувофиқ.

**ШУРУҚ** شروق 1. тулӯи Офтоб, баромадани Офтоб. 2. *маҷ.* зуҳур ва тобиш.

**ШУРУР** شرور *ҷ.* **шар**(р).

**ШУРУТ** شروط *ҷ.* **шарт**.

**ШУРУФ** *а.* شرف *кит.* наздикӣ, қарибӣ, арафаи...; **дар шуруфи** *чизе* **будан** дар арафаи содиршавии чизе будан.

**ШУРӮҲ** *а.* شروح *ҷ.* **шарҳ**; китобҳое, ки дар шарҳи китобе навишта шудаанд.

**ШУРӮЪ** *а.* شروع оғоз кардан ба коре, сар кардан кореро; саршавӣ, оғоз, ибтидо; **шурӯъ кардан (намудан)** сар кардан, оғоз намудан; **шурӯъ кардан** сар шудан, оғоз шудан.

**ШУРФА** *а.* شرفه нақш ва кунгурае, ки дар қисми болоии девори хонаҳо наздик ба сақф месозанд; кунгура.

**ШУСТА** شسته *сифати феълии замони гузашта аз* **шустан**; шусташуда, покиза; **шуставу рӯфта** поку покиза.

**ШУСТАГАР** شسته‌گر 1. гозур, либосшӯй, ҷомашӯй, он ки касбаш ҷомашӯӣ аст. 2. он ки суфи дастбофро барои сафеду тозатар шудан мешӯяд.

**ШУСТАГАРӢ** شسته‌گری касб ва кори шустагар.

**ШУСТАДИЛ** شسته‌دل покдил, софботин, поктинат.

**ШУСТАН** شستن 1. пок ва тоза кардани чизе бо об. 2. *маҷ.* пок кардани чизе аз олоиш: **шустани доғ**; **шустани гуноҳ;** ◊ **даст шустан** *аз коре, касе* аз баҳри чизе гузаштан, аз чизе умеди худро кандан.

**ШУСТАШУДА** شسته‌شده пок ва тоза кардашуда.

**ШУСТУШӮ(Й)** شستوشو(ی) бо об поку тоза кардан, бо об равондани чирк ва олудагӣ аз бадан.

**ШУТУЛУМ** شتلم *шакли дигари* **уштулум**.

**ШУТУР** شتر ҳайвони аҳлии калонҷуссаи кӯҳондори боркаш.

**ШУТУРАКӢ** شترکی 1. шутурсавор, ба шутур савор шуда: **шутуракӣ омадан**. 2. шутурбон, шутуркаш.

**ШУТУРБАЧА** شتربچه бачаи уштур, уштурча.

**ШУТУРБОН** شتربان нигаҳбони шутур; ронандаи шутур, сорбон.

**ШУТУРБОНӢ** شتربانی кор ва шуғли шутурбон.

**ШУТУРБОР** شتربار боре, ки як шутур бардошта тавонад; бори вазнин,.

**ШУТУРВОР** شتروار *кит., ниг.* **шутурбор.**

**ШУТУРГАРДАН** شترگردن ағба ва талу теппаҳои дарозу печдарпеч.

**ШУТУРГИЁҲ** شترگیاه *ниг.* **шутурхор**.

**ШУТУРҒОЗ** شترغاز *бот.* гиёҳе, ки онро бо сирко мехӯранд, бехи ров.

**ШУТУРДИЛ** شتردل 1. кинавар, кинаҷӯ, бадхоҳ. 2. тарсончак, буздил.

**ШУТУРДИЛӢ** شتردلی дорои сифат ва хислати шутурдил будан.

**ШУТУРДОР** شتردار соҳиби шутур, он ки шутур дорад.

**ШУТУРЗАҲРА** شترزهره *ниг.* **шутурдил**.

**ШУТУРКАШ** شترکش шутурбон, сорбон.

**ШУТУРКИНА** شترکینه баддил, кинаҷӯ.

**ШУТУРҚАТОР** شترقطار корвони шутурҳо.

**ШУТУРЛАБ** شترلب шахси лабаш монанд ба лаби шутур, лабовезон.

**ШУТУРМУРҒ** شترمرغ *зоол.* бузургтарин паранда, ки қадаш то ба се метр мерасад ва хеле тез медавад.

**ШУТУРПАЙ** شتر پی *бот.* шанбалид.

**ШУТУРПАЛАНГ//ШУТУРГОВПАЛАНГ** شترپلنگ//شترگاوپلنگ *зоол.* ҳайвони алафхӯри дорои гардани хеле дароз, зарофа.

**ШУТУРПАРВАР** شترپرور он ки бо парвариши шутур машғул аст.

**ШУТУРПАРВАРӢ** شترپروری кор ва шуғли шутурпарвар.

**ШУТУРСАВОР** شترسوار савори шутур, он ки ба шутур савор аст.

**ШУТУРСАВОРӢ** شترسواری амали шутурсавор, шутурсавор будан.

**ШУТУРХОНА** شترخانه тавилаи шутурон.

**ШУТУРХОР** شترخوار *бот.* растании хордоре, ки онро шутур бо рағбат мехӯрад.

**ШУТУРХӮ(Й)** شترخو(ی) бадхӯй, бадкин.

**ШУТУРХӮӢ** شترخوئی бадхӯӣ, бадкинагӣ.

**ШУТУРҶАНГ** شترجنگ ба ҳам ҷанг андохтани шутурони маст барои ҳангома.

**ШУУБИЯ** *а.* شعوبیه ҷараёне, ки дар асрҳои миёна дар баробари бартариҷӯии арабҳо нисбат ба мардуми эронинажод ба майдон омадааст.

**ШУУР** *а.* شعور ҳис кардан, дарёфтан; идрок, дарёфт, фаросат, фаҳм; **шуур доштан** фаросат доштан, соҳиби идрок будан.

**ШУУРНОК** شعورناک қобилияти дарк ва дарёфт, бофаросат

**ШУУРНОКӢ** شعورناکی шуурнок будан, шуур доштан.

**ШУХ I** شوخ *кит.* чирк, ифлосӣ.

**ШУХ** II شوخ *ниг.* **шах** II.

**ШУХМ** شخم шудгор, бо омоч ё трактор рондани замин.

**ШУХЧА** شخچه *гуфт.* резаҳои санг дар хок.

**ШУҲАДО** *а.* شهدا *ҷ.* **шаҳид**.

**ШУҲУД** *а.* شهود *ҷ.* **шоҳид**.

**ШУҶОАТ** *а.* شجاعت далерӣ, пурдилӣ, ҷасурӣ, нотарсӣ, ҷуръат.

**ШУҶОАТМАНД** شجاعتمند шуҷоъ, соҳиби

шуҷоат, диловар, пурдил.

**ШУҶОАТМАНДӢ** شجاعتمندی диловарӣ, ҷасурӣ, шуҷоатманд будан.

**ШУҶОАТПЕША** شجاعتپیشه далер, нотарс, пурдил, шуҷоатманд.

**ШУҶОАТНОК** شجاعتناک шуҷоатманд.

**ШУҶОЪ** *а.* شجاع шуҷоатманд, далер, ҷасур, диловар.

**ШУШ** شش яке аз аъзои асосӣ дар бадани инсон ва ҳайвон, ки узви аслии нафасгирист.

**ШУША** ششه *ниг.* **шӯша**.

**ШУШБАНД** ششبند *гуфт.* камтар хӯроке, ки барои андак фурӯ нишондани гуруснагӣ хӯранд; **шушбанд кардан** андак рафъи гуруснагӣ кардан; **шушбанд шудан** боиси рафъи гуруснагӣ шудани хӯроке.

**ШУЮЪ** *а.* شیوع паҳн шудан, шоеъ шудан.

**ШӮ//ШӮЙ** شو//شوی шавҳар; **ба шӯ додан** ба шавҳар додан.

**ШӮЁНДАН** شویاندن *тарзи бавоситаи* **шустан**; чизеро ба воситаи касе ё чизе шустан, чизеро ба касе ба шустан додан.

**ШӮЙДОР** شوی دار шавҳардор.

**ШӮЛА** شوله *ниг.* **шавла**.

**ШӮЛАК** شولک *кит.* аспи тезрафтор.

**ШӮЛАКАДУ** شوله‌کدو шӯлае, ки дар он каду меандозанд.

**шӯр** شور *асоси замони ҳозира аз* **шӯридан**.

**ШӮР** I شور 1. ҳаяҷон, изтироб, ошуфтагӣ. 2. ғавғо, фарёд. 3. фитна, фасод, ошӯб; **шӯру ғавғо** доду фарёд, фитнаю ошӯб; **ба шӯр андохтан // ба шӯр овардан** ба ҳаяҷон овардан, барангехтан; **ба шӯр омадан** шӯридан, ба ҳаяҷон омадан, бадҷаҳлу оташин шудан.

**ШӮР** II شور *бот.* сернамак, намакаш аз ҳадди эътидол зиёд, намакин.

**ШӮРА** I شوره 1. ҷисми сафеди намакмонанд, ки дар заминҳои шӯр ва беҳосил пайдо мешавад. 2. шӯразамин; замини беҳосил; **шӯра задан(-и замин)** пур аз шӯра шудани хок, ки дар он гиёҳ намерӯяд; ◊ **тухм дар шӯра афкандан** кори бесамар кардан.

**ШӮРА** II شوره як навъи гиёҳи ёбоии биёбонӣ.

**ШӮРАБАНДӢ** شوره‌بندی **:шӯрабандии замин** шӯра (намак) пайдо кардани замин (хок).

**ШӮРАБУМ** شوده بوم *ниг.* **шӯразамин**.

**ШӮРАВӢ** شوروی 1. *мансуб ба* **шӯро.** 2. *марбут* **Иттиҳоди Шӯравии собиқ**

**ШӮРАДОР** شوره دار шӯра пайдокарда, шӯрзада.

**ШӮРАЗАДА** شوره زده намакзада, намакин.

**ШӮРАЗАМИН//ШӮРЗАМИН**شوره زمین//شورزمین хоки ба рӯяш шӯра дамида, шӯрзада, шӯрахок; замини беҳосил.

**ШӮРАЗОР** I شوره‌زار замине, ки онро гиёҳи шӯра пахш кардааст.

**ШӮРАЗОР** II شوره زار замини шӯрахок, замини пур аз шӯра, ки дар он гиёҳ намерӯяд.

**ШӮРАК** شورک донаки зардолу ва дигар меваҳои намакини бирёнкарда.

**ШӮРАНГЕЗ** شورانگیز ҳаяҷонбахш, ошуфтакунанда, ошӯбовар; фитнаангез.

**ШӮРАНГЕЗӢ** شورانگیزی шӯрангез будан, ҳаяҷонбахшӣ.

**ШӮРАНДОЗ** شورانداز *ниг.* **шӯрангез**.

**ШӮРАНДОЗӢ** شوراندازی *ниг.* **шӯрангезӣ**.

**ШӮРАПУШТ** شوره پشت авбош, бозорӣ.

**ШӮРАПУШТӢ** شوره پشتی авбошӣ, безоригӣ.

**ШӮРАФКАН** شورافگن *ниг.* **шӯрангез**.

**ШӮРАХОК** شوره‌خاک *ниг.* **шӯразамин**.

**ШӮРБАХТ** شوربخت бадбахт, бетолеъ, тирабахт, сияҳрӯз.

**ШӮРБАХТӢ** شوربختی бадбахтӣ, бетолеӣ, тирарӯзӣ.

**ШӮРБО** شوربا *хӯр.* таоми обакӣ, ки аз гӯшт, сабзавот ва нахӯд пухта мешавад: **пул бошад, дар ҷангал шӯрбо** (*зарб.*).

**ШӮРГИЁҲ** شورگیاه *ниг.* **шӯра** II.

**ШӮРЗАДА** شورزده замини шӯр пахшкардаи беҳосил.

**ШӮРЗАМИН** شورزمین *ниг.* **шӯразамин**.

**ШӮРИДА** شوریده *сифати феълии замони гузашта аз* **шӯридан**; бадқаҳршуда, ба шӯр омада, ба

ҳаяҷон омада; ошуфтахотир, ошуфта, парешон.

**ШӮРИДАБАХТ** شوریده‌بخت *кит.* шӯрбахт, бахтбаргашта.

**ШӮРИДАБАХТӢ** شوریده‌بختی шӯрбахтӣ, бахтбаргаштагӣ.

**ШӮРИДАВОР** شوریده‌وار *кит.* девонавор, ба монанди девона.

**ШӮРИДАГӢ** شوریدگی 1. *шакли дигари сифати феълии замони гузашта аз* **шӯридан**; ошуфтагӣ, изтироб. 2. девонагӣ.

**ШӮРИДАДИЛ** شوریده‌دل дилбохта, ошиқи шайдо, беқарор.

**ШӮРИДАКОР** شوریده‌کار *кит.* он ки кораш чаппа шудааст, ошуфтаҳол, парешонҳол.

**ШӮРИДАМАҒЗ** شوریده‌مغز саргаранг, гич; ҳайрон.

**ШӮРИДАН** شوریدن 1. ба ҳаяҷон омадан, ошуфта шудан, ба ҷӯшу хурӯш омадан. 2. ба қаҳру ғазаб омадан, оташин шудан. 3. *маҷ.* ба талотум афтодан, туғён кардан (-и *дарё*).

**ШӮРИДАРАНГ** شوریده‌رنگ *кит.* рангпарида, ҳаросон.

**ШӮРИДАРАҲ** شوریده‌ره *ниг.* **шӯридароҳ**.

**ШӮРИДАРОЙ** شوریده‌رای *кит.* 1. парешонхотир. 2. бадандеш, он ки нияташ бад аст.

**ШӮРИДАРОҲ** شوریده‌راه *кит.* роҳгумзада, гумроҳ, гумкардароҳ, бероҳашуда.

**ШӮРИДАРӮЗГОР** شوریده‌روزگار бечора, бенаво, дармонда.

**ШӮРИДАСАР** شوریده‌سر *кит.* беқарор, саргашта; овора, қаландар.

**ШӮРИДАХОТИР** شوریده‌خاطر парешонхотир, ошуфтаҳол.

**ШӮРИДАҲОЛ** شوریده‌حال парешонхотир, ошуфтаҳол, беқарор, бесару сомон.

**ШӮРИСТОН** شرستان *ниг.* **шӯразор**.

**ШӮРИШ** شورش 1. ҳаяҷон, ошуфтагӣ, ҷӯшу хурӯш. 2. хашм, оташинӣ. 3. балво, фитна. 4. ошӯб, исён.

**ШӮРИШГАР** شورشگر балвогар, ошӯбгар; исёнкунанда.

**ШӮРИШГАРӢ** شورشگری исёнгарӣ, ёғигарӣ, балвогарӣ.

**ШӮРИШЧӢ** شورشچی *ниг.* **шӯришгар**.

**ШӮРӢ** شوری шӯр будан, сернамакӣ.

**ШӮРМОҲӢ** شورماهی 1. *зоол.* номи як навъ моҳӣ. 2. моҳии шӯр, моҳии намакин.

**ШӮРНӮЛ** شورنول зоғи сиёҳ, ғуроб.

**ШӮРО** *а.* شورا 1. машварат. 2. барои машварат гирди ҳам ҷамъ омадани ҳайате. 3. мақоми ҳокимияти маҳал: **шӯрои деҳа (ҷамоа)**.

**ШӮРОБ** شوراب оби шӯр, оби намакин.

**ШӮРОБА** شورابه 1. оби шӯр, оби намакин. 2. *киноя аз* ашк, сиришк, оби дида.

**ШӮРОӢ** شورایی 1. *мансуб ба* **шӯро**. 2. таър. шӯравӣ; **мактаби шӯроӣ** мактаби шӯравӣ; **ҳукумати шӯроӣ** ҳукумати шӯравӣ.

**ШӮРОНИДАН** شورانیدن 1. *тарзи бавоситаи* **шӯридан**. 2. ба шӯр овардан, ба ҷӯшу хурӯш овардан. 3. барангехтан, ба балво ва шӯриш таҳрик кардан; ба қаҳру хашм овардан. 4. ба талотум андохтан (*мас., дарёро*).

**ШӮРПАХТА** شورپخته пахтаи дар оби ҷӯшидаи намакдор ё дар пешоби кӯдак таршуда, ки ба узви латхӯрдаи бадан мебанданд.

**ШӮРТАК** شورتک камнамак; **бодиринги шӯртак** бодиринги камнамак.

**ШӮРТАН** شورتن *зоол.* навъи моҳии баҳрӣ.

**ШӮРТОЛЕӢ** شورطالعی *ниг.* **шӯрбахтӣ**.

**ШӮРТОЛЕЪ** شورطالع *ниг.* **шӯрбахт**.

**ШӮРХОК** شورخاک *ниг.* **шӯразамин**.

**ШӮРЧАМОҲӢ** شورچه ماهی *зоол.* як навъи моҳӣ.

**ШӮТАЛАБ** شوطلب *гуфт.* зан ё духтари талабгори шавҳар: **шӯталаб шудан**.

**ШӮХ** I شوخ 1. чолок, беқарор, серҳаракат, ноором, бозигар: **бачаи шӯх**. 2. зиндадил, ширинкор, ширинсухан. 3. фаттон, ишвагар: **чашми шӯх, рафтори шӯх**. 4. зебо, танноз. 5. шодиафзо, фараҳбахш, шӯрангез (*оҳанг, суруд*): **шӯху шанг** зебо ва танноз; чусту чолок, зарифу хушрафтор.

**ШӮХ** II شوخ чирку риме, ки дар болои ҷароҳат сахт шудааст.

**ШӮХГАП** شوخ گپ базлагӯй, ҳазлгӯй.

**ШӮХДИДА** شوخ دیده *ниг.* **шӯхчашм**.

**ШӮХИБАРДОР** شوخی‌بردار он ки ҳазлу шӯхиро мефаҳмад.

**ШӮХИОМЕЗ** شوخی آمیز омехта бо шӯхӣ, бо мазоҳу ҳазл, нимҷиддию нимшӯхӣ.

**ШӮХИОМЕЗОНА** شوخی‌آمیزانه *ба таври* **шӯхиомез**.

**ШӮХӢ** شوخی 1. серҳаракатӣ, бозигарӣ, ноороми. 2. ширинкорӣ, ҳазл, мазоҳ; **шӯхӣ кардан** а) бозию бетартибӣ кардан; ҳаракати бачагона кардан; б) ҳазл кардан, ширинкорӣ кардан, бо ҳазлу мазоҳ гап задан.

**ШӮХМИЗОҶ** شوخ‌مزاج шӯхтабиат, базлагӯй, ширинкор, шӯхидӯст.

**ШӮХНИГОҲ** شوخ نگاه он ки нигоҳи фаттону дилангез дорад.

**ШӮХОБ** شوخ‌آب **:дарёи шӯхоб** дарёи тези пурталотум.

**ШӮХОҲАНГ** شوخ‌آهنگ мусиқие, ки оҳанги шӯх дорад.

**ШӮХРАНГ** شوخ‌رنگ чашмхарош, баланд, чашмбар (*дар бораи ранг*).

**ШӮХРАНГӢ** شوخ‌رنگی шӯхранг будан, чашмбар будан, назаррабоии рангҳо.

**ШӮХРӮЙ** شوخ‌روی боҷуръат, боҷасорат; бебок; нотарс.

**ШӮХТАБИАТ** شوخ طبیعت *ниг.* **шӯхтабъ**.

**ШӮХТАБИАТӢ** شوخ‌طبیعتی табиати шӯх доштан, шӯхтабиат будан, шӯхмизоҷӣ.

**ШӮХТАБЪ** شوخ‌طبع шӯхмизоҷ, хушгуфтор, базлагӯй.

**ШӮХЧАШМ** شوخ‌چشم 1. он ки чашмони зебо ва дилфиребӣ айёрона дорад. 2. *маҷ.* густох, бешарм, беҳаё, фиребо.

**ШӮХЧАШМӢ** شوخ‌چشمی 1. беҳаёӣ, бешармӣ, густохӣ. 2. фиребгарӣ. 3. ишвагарӣ, фаттонӣ; зебоӣ, диловезӣ.

**ШӮХЧАШМОНА** شوخ‌چشمانه 1. беҳаёёна, густохона. 2. ишвагарона, бо фатонат.

**ШӮХШАНГ** شوخ‌شنگ *кит.* 1. шӯх, бозигар. 2. ишвагар, бокарашма; сернозу карашма.

**ШӮҲРА** *а.* شهره машҳур, номдор, овозадор; **шӯҳраи офоқ будан** машҳуру маъруфи тамоми дунё будан; **шӯҳра гаштан (шудан)** машҳур шудан, ном баровардан, овоза гаштан.

**ШӮҲРАВАР** شهره ور *ниг.* **шӯҳратманд**.

**ШӮҲРАТ** *а.* شهرت *кит.* машҳурӣ, номдорӣ, ном баровардан, маъруф гаштан; **шӯҳрат доштан** машҳур будан, маъруф будан, ном баровардан; **шӯҳрат ёфтан** а) маъруф шудан, машҳур шудан, ном баровардан; б) овоза шудан; **шӯҳрат пайдо кардан** шӯҳрат ёфтан.

**ШӮҲРАТАФЗО** شهرت‌افزا он чи шӯҳрат, маъруфият ва номдории чизеро боз ҳам зиёдтар мекунад.

**ШӮҲРАТБАЛАНД** شهرت‌بلند дорои шӯҳрат ва маъруфияти зиёд.

**ШӮҲРАТДОР** شهرت دار *ниг.* **шӯҳратманд**.

**ШӮҲРАТЁР** شهرت یار *ниг.* **шӯҳратманд**.

**ШӮҲРАТМАНД** شهرت‌مند машҳур, номбароварда, маъруф.

**ШӮҲРАТМАНДӢ** شهرت‌مندی машҳурӣ, маъруфӣ, маъруфият, овозадорӣ; машҳурии ифтихормандона.

**ШӮҲРАТНОК** شهرت ناک *ниг.* **шӯҳратманд**.

**ШӮҲРАТНОКӢ** شهرت‌ناکی *ниг.* **шӯҳратмандӣ**.

**ШӮҲРАТПАРАСТ** شهرت پرست он ки хоҳони шӯҳрат ва маъруфият мебошад, он ки аз паи машҳур шудан мегардад, толиби шӯҳрат.

**ШӮҲРАТПАРАСТӢ** شهرت‌پرستی шӯҳратпараст будан, толиби шӯҳрат будан, шӯҳратҷӯй.

**ШӮҲРАТТАЛАБӢ** شهرت‌طلبی хоҳони маъруфият ва номбарорӣ, дар талаби шӯҳрат будан.

**ШӮҲРАТҶӮ(Й)** شهرت‌جو(ی) *ниг.* **шӯҳратпараст**.

**ШӮША** شوشه 1. яхе, ки дар зимистон дар нӯги новадонҳо баста овезон мешавад. 2. пораи яклухти хок, ангишт *ва ғ.*

**ШӮШАБАНДӢ** شوشه‌بندی шӯша бастан, шӯшазор шудан, бо шӯша мунҳасир шудан.

**ШӮШАЛАК** شوشلک *ниг.* **шӯша**.

**ШӮШАШАКЛ** شوشه شکل мисли овезаҳои ях (шӯша) шуда, ба шӯша монанд.

**ШӮЪБА** *а.* شعبه яке аз қисмҳои як идора ё

муассисаи калон, қисми хурди як идора, бахш.

**ШӮЪБАДА** شعبده *ниг.* **шаъбада**.

**ШӮЪБАДАБОЗ** شعبده با ز *ниг.* **шаъбадабоз.**

**ШӮЪБАДАБОЗӢ** شعبده‌بازی *ниг.* **шаъбадабозӣ**.

**ШӮЪЛА** *а.* شعله 1. забонаи оташ, аланга. 2. фурӯғ, равшанӣ, тобиш, шуоъ; **шӯъла задан** а) забона кашидан, аланга задани оташ; б) оташ задан, афрӯхтан.

**ШӮЪЛААФКАН** شعله‌افگن нурдиҳанда, равшанкунанда.

**ШӮЪЛААФРӮЗ** شعله‌افروز оташафрӯз, алангазананда, тобон.

**ШӮЪЛААФШОН** شعله‌افشان шӯълапош, оташбор, паҳнкунандаи забона ва фурӯғи оташ.

**ШӮЪЛАБОР** شعله‌بار оташбор, фурӯзон, нурпош; ◊ **оҳи шӯълабор** оҳи пурсӯз, оҳи пурдарду алам.

**ШӮЪЛАБОРӢ** شعله‌باری оташафшонӣ, нурпошӣ, партавафканӣ.

**ШӮЪЛАВАР** شعله‌ور забоназананда чун оташ даргирифта; нурпош, фурӯзон, тобон; **шӯълавар кардан** барафрӯхтан, даргирондан, **шӯълавар шудан (гардидан)** барафрӯхтан, даргирифтан, забона задан, дурахшидан.

**ШӮЪЛАВАРӢ** شعله‌وری аланга задан, барафрӯхтан (-и оташ); фурӯзонӣ, шӯълаафшонӣ.

**ШӮЪЛАВОР** شعله‌وار шӯъламонанд, мисли шӯъла.

**ШӮЪЛАЗАН** شعله‌زن алангазананда, оташафкан, оташзананда, забона кашида сӯзанда (*оташ*).

**ШӮЪЛАЗО(Й)** شله زا(ی) шӯълавар, оташафрӯз.

**ШӮЪЛАПАРАСТӢ** شعله پرستی оташпарастӣ.

**ШӮЪЛАПАРВАР** شعله‌پرور *кит.* шӯъланок, шӯъладор; ◊ **оҳи шӯълапарвар** оҳи пурсӯз, оҳи пурдарду алам, оҳи шӯълабор.

**ШӮЪЛАПОШ** شعله‌پاش *ниг.* **шӯълабор**, **шӯълаафкан**.

**ШӮЪЛАРАНГ** شعله‌رنگ ба ранги оташ, сурху тобон.

**ШӮЪЛАРЕЗ** شعله‌ریز шӯълаафшон, шӯълапош.

**ШӮЪЛАРӮ(Й)** شعله‌رو(ی) 1. оташинрӯй, дурахшонрӯй. 2. *киноя аз* зебо, хушрӯй.

**ШӮЪЛАСИФАТ** شعله‌صفت ба мисли шӯъла, ба аланга монанд, шӯълавор.

**ШӮЪЛАФИКАН** شعله فکن *ниг.* **шӯълаафкан**.

**ШӮЪЛАФИШОН** شعله‌فشان *ниг.* **шӯълаафшон.**

**ШӮЪЛАХЕЗ** شعله‌خیز *кит.* забоназананда, алангапош; тобон, дурухшон.

**ШӮЪЛАХӮ** شعله‌خو оташмизоҷ, тундхӯй, бадфеъл.

**ШӮЯНДА** شوینده *сифати феълии замони ҳозира аз* **шустан**; поккунанда, покизакунанда: **маводи шӯянда**.

# Э

**Э** *ҳарфи сиву сеюми алифбои ҳозираи тоҷикӣ; дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ дар аввали калима бо ҳарфҳои* алиф (ا) *ва* йо (ی) *ишора мешавад.*

**Э** ای *нидо, ки* норизоӣ, ҳайрат, афсӯс, надомат, нобоварӣ *ва г.-ро ифода мекунад*: **э**, **монед**, **э**, **не**, **э**, **пурсида чӣ кор мекунӣ**!

**ЭБ** ایب *гуфт.* муносиб, мувофиқ, сазовор, арзанда; **ба эбаш**... ба ҳадди эътидол; **эб кардан** саришта кардан; **ба худ эб дидан** ба худ муносиб донистан; **ба эб омадан** андаке дуруст шудан, мувофиқи ҳол шудан.

**ЭБАК//ИБАК** ایبک *кит.* 1. бут, санам. 2. қосид; ғулом.

**ЭВАКУАТСИОНӢ** ایوکوئتسیانی *мансуб ба* **эвакуатсия**; **нуқтаи (маркази) эвакуатсионӣ (тахлия)**.

**ЭВАКУАТСИЯ** *ю.* ایوکوتسیه аз маҳалли хавфнок ба ҷои бехавф кӯчонидани аҳолӣ, чизу чора ва муассисаҳои гуногун вақти таҳдиди душман, офати табиӣ *ва г.*, тахлия.

**ЭВЕН** ایوین халқи бумӣ дар Ёқутистон, Коряк, Чукотка ва дигар ноҳияҳои Сибир; ламутҳо.

**ЭВЕНК** ایوینک халқест, ки дар Сибир ва Шарқи Дур зиндагӣ мекунад; тунгусҳо.

**ЭВЕНКӢ** ایوینکی *мансуб ба* **эвенк**.

**ЭВКАЛИПТ** *ю.* ایوکلیپت *бот.* як навъ дарахти бузург, ки дар ҷануб, аз ҷумла дар Австралия, мерӯяд ва чӯб, реша ва баргҳояш маҳсулоти гаронбаҳои саноатӣ ҳисоб меёбад.

**ЭВОЛЮТСИОНИЗМ** *лот.* ایوالیوتسیانیزم таълимот оид ба инкишофи тадриҷӣ.

**ЭВОЛЮТСИОНИСТ** *лот.* ایوالیوتسیانیست тарафдори эволютсионизм.

**ЭВОЛЮТСИОНӢ** ایوالیوتسیانی *мансуб ба* **эволютсия**; тадриҷӣ.

**ЭВОЛЮТСИЯ** *лот.* ایوالیوتسیه *фалс.* инкишофи тадриҷӣ; муттасил тараққӣ ёфтан, аз ҳоле ба ҳоле гузаштани чизе (воқеае), таҳаввул, таҳаввулот.

**ЭВОР** ایوار *кит.* 1. вақти байни аср ва шом, вақти торик шудани рӯз, шомгоҳон, говгум. 2. сафари шабона, роҳравӣ дар шаб; **эвор рондан** вақти аср сафар кардан.

**ЭВРИСТИКА** *ю.* ایوریستکه 1. илмест, ки тафаккури эҷодии пурсамарро тадқиқ ва таҳлил мекунад. 2. дар Юнони қадим усули таълиме буд бо роҳи саволу ҷавоб.

**ЭВФЕМИЗМ** *ю.* ایوفیمیزم *збш.* муродифе, ки ба ҷои ягон сухани дағал ё беадабона кор фармуда мешавад (*мас.*, *ба ҷои* ҳомила дуҷон ё вазнин; *ба ҷои* мурд қазо кард).

**ЭВФЕМИСТӢ** ایوفیمیستی *мансуб ба* **эвфемизм**.

**ЭВФОНИЯ** *ю.* ایوفانیه *адш.* дар асоси таносуби хушоҳангии забон навиштани шеър.

**ЭДАР** ایدر *кит.* 1. ин ҷо, дар ин ҷо. 2. акнун, инак, кунун, ҳоло.

**ЭДИР** ایدیر :**эдир кардан** *лаҳҷ.* пӯсти гӯсолаи мурдаро коҳ пур карда, вақти дӯшидани мо-

даров зинда вонамуд кардани он; ба пистони гов даст зада, ба дўшидан омода кардани он.

**ЭДУН** ایدون *кит.* 1. акнун, ҳоло. 2. ба ин тариқ, ин тавр.

**ЭЗИД** ایزد *кит.* Худо, Яздон.

**ЭЗИДӢ//ЭЗАДӢ//ИЗАДӢ** ایزدی 1. *мансуб ба* **эзид**. 2. *мач.* ниҳояти олимансабӣ.

**ЭЗИДПАРАСТ** ایزدپرست *кит.* худопараст, обид, зоҳид.

**ЭЗИДШИНОС** ایزدشناس *кит.* худотарс, худоҷўй.

**ЭЗМА** ایزمه *гуфт.* сергапи шилқин, он ки дар бораи чизе бисёр сергапӣ мекунад.

**ЭЗМАГӢ** ایزمگی *гуфт.* эзма будан; сергапӣ, шилқинӣ.

**ЭЗОПӢ** ایزاپی *мансуб ба* масалнависи Юнони қадим Эзоп; сухани ба таври маҷозу киноя гуфташуда, ки мақсадро ба таври пинҳон ифода мекунад.

**ЭЗОР** ایزار либоси яккабатаи почадор, ки аз миён поёнро мепўшонад, лозимӣ, поҷома: **куртаву эзор**.

**ЭЗОРА** ایزاره қисми поёнии гирдогирди девори хона, аз тоқча то замини хона.

**ЭЗОРБАНД** ایزاربند ресмони тасмамонанд, ки барои ба миён бастан аз нифаи эзор гузаронида мешавад.

**ЭЗОРДЕВОРӢ** ایزاردیواری *ниг.* **эзора**.

**ЭЗОРПОЧА** ایزارپاچه як почаи эзор, қисми поёни эзор, ки соқи пойро мепўшонад.

**ЭЗОРСУРХАК** ایزارسرخک *зоол.* номи як парандаи бешагии нўлборик, ки бо нўлҳояш пўсти дарахтро сўрох мекунад.

**ЭЗОҲ** *а.* ایضاح возеҳ ва равшан кардани матлабе; шарҳ, тавзеҳ; **эзоҳ додан** шарҳ додан, тафсил кардан, баён кардан.

**ЭЗОҲДИҲАНДА** ایضاح‌دهنده шарҳдиҳанда, тафсиркунанда.

**ЭЗОҲДИҲӢ** ایضاح‌دهی шарҳу тавзеҳ додан, баён.

**ЭЗОҲӢ** ایضاحی *ниг.* **эзоҳдиҳанда**.

**ЭЗОҲНОМА** ایضاح‌نامه мактуби эзоҳӣ, ба таври хаттӣ шарҳу эзоҳ додан.

**ЭЙ** ای *ҳарфи нидо ва хитоб*: **эй**, **рафиқон**!

**ЭЙДУН** ایدون *ниг.* **эдун**.

**ЭКВАТОР** *лот.* ایکوتار *ҷугр.* доираи тасаввурӣ, ки заминро ба нимкураи шимолӣ ва ҷанубӣ ҷудо мекунад; истуво, хати истуво.

**ЭКВАТОРӢ** ایکوتاری *мансуб ба* **экватор**; воқеъ дар экватор.

**ЭКВИВАЛЕНТ** *лот.* ایکویولنت як чизи ба чизи дигар айнан баробар, ҳаммаъно, ҳамарзиш, муодил, ҳамчанд.

**ЭКЗЕМА** *ю.* ایکزیمه *тиб.* навъе аз бемории пўст, ки дар он қублачаҳои намдор пайдо шуда хориш ба амал меоварад; бемории шукуфа.

**ЭКЗОГАМИЯ** ایکزاگمیه одате, ки аз қабила, қавм ё гурўҳи иҷтимоии худ зангириро манъ мекунад; *муқ.* **эндогамия**.

**ЭКЗОТИКА** *ю.* ایکزاتیکه чизҳои ба шароити ягон ҷо хос набуда, ки бегона менамояд; чизҳои ғайримуқаррарӣ ва ба расму одати ягон ҷо бегона; аҷибу ғариб.

**ЭКИЗАК** *т.* ایکیزک *гуфт.* тифлони дар як вақт аз як модар таваллудшуда, ҳамзод, тавъам(он), дугоник: **экизак таваллуд кардан**.

**ЭКИПАЖ** *фр.* ایکیپژ *ниг.* **сарнишин**.

**ЭКЛЕКТИЗМ** *ю.* ایکلیکتیزم ба таври механикӣ ба ҳам омехтани ақида ва таълимоти гуногун дар навиштан, тадқиқот ва эҷод кардани чизе.

**ЭКОЛОГИЯ** *ю.* ایکالاگیه як шохаи биология, ки муносибати организмро бо муҳити атроф меомўзад, ҳифзи муҳити зист: **экологияи растанӣ, экологияи ҳайвонот**.

**ЭКОЛОГӢ** ایکالاگی *марбут ба* **экология**.

**ЭКРАН** *фр.* ایکرن 1. пардае, ки тасвирҳои навори кино дар он мунъакис мешавад, пардаи кино. 2. кино: **экран барои бачаҳо**. 3. оинаи телевизор, ки дар он намоишҳо инъикос меёбанд: **экрани телевизор**.

**ЭКСКАВАТОР** *лот.* ایکسکوتار мошини заминкан, ки дар кандану ба ҷои дигар партофтани хок, лой, сангреза дар роҳсозӣ, кўҳканӣ, иншоотҳои обӣ *ва г.* истифода мешавад.

**ЭКСКАВАТОРЧӢ** ایکسکوتارچی он ки бо экскаватор кор мекунад, идоракунандаи экскаватор.

**ЭКСКУРСАНТ** *лот.* ایکسکورسنت он ки дар экс-

курсия иштирок мекунад, аъзои экскурсия.

**ЭКСКУРСИОНӢ** ایکسکورسیانی *мансуб ба* корҳои экскурсия: **бюрои экскурсионӣ**, **пойгоҳи экскурсионӣ**.

**ЭКСКУРСИЯ** *лот.* ایکسکورسیه тамошои муташаккили гурӯҳӣ ба ягон ҷои хушманзараи табиат, музей, иншоот ва муассисаҳои дигар.

**ЭКСПАНСИОНИЗМ** ایکسپنسیانیزم тавсеаталабӣ, таҷовуз.

**ЭКСПАНСИОНӢ** ایکسپنسیانی *мансуб ба* **экспансия** *ва* **экспансионизм**: **сиёсати экспансионӣ**.

**ЭКСПАНСИЯ** *лот.* ایکسپنسیه бо роҳи истило вусъат додани ҳудуди ягон давлат ва ба давлатҳои дигар паҳн кардани нуфузи иқтисодӣ ва сиёсии он.

**ЭКСПЕДИТСИОНӢ** ایکسپیدیتسیانی *мансуб ба* **экспедитсия**.

**ЭКСПЕДИТСИЯ** ایکسپیدیتسیه 1. сафар ё саёҳати илмии як гурӯҳ одамон ба ҷои муайян: **экспедитсияи археологӣ**, **экпедитсияи илмӣ**. 2. саёҳати як гурӯҳ ба ягон ҷо бо мақсади муайян. 3. аъзои ҳамин гурӯҳ.

**ЭКСПЕРИМЕНТ** *лот.* ایکسپیریمینت *ниг.* **озмоиш**.

**ЭКСПЕРИМЕНТАЛӢ** ایکسپیریمینتلی *ниг.* **озмоишӣ**; таҷрибавӣ: **ҷойгоҳи эксперименталӣ**, **усули эксперименталӣ**; **маълумоти эксперименталӣ** маълумотҳои аз таҷриба ба даст омада.

**ЭКСПЕРТ** *лот.* ایکسپیرت мутахассиси ягон соҳа, ки доир ба ягон масъала хулосаи худро медиҳад; комиссияи экспертҳо, ташхисгар, коршинос.

**ЭКСПЕРТИЗА** ایکسپیرتیزه ягон масъаларо дида баромада хулоса баровардани мутахассисион, ташхис, муоина; ҳукми экспертҳо: **экспертизаи тиббӣ**, **аз экспертиза гузаштан**.

**ЭКСПЕРТӢ** ایکسپیرتی *мансуб ба* **эксперт**: **комиссияи экспертӣ**.

**ЭКСТЕНСИВӢ** ایکستینسیوی танҳо ба афзоиши миқдорӣ аҳамият дода, сифатро ба эътибор нагирифтан; *муқоб.* **интенсивӣ**; **кишоварзии экстенсивӣ**.

**ЭКСТЕРН** *лот.* ایکستیرن он ки дар ягон мактаб дарс нахонда, мустақилан тайёрӣ дида, имтиҳон месупорад.

**ЭКСТЕРНАТ** *лот.* ایکستیرنت системаи бо роҳи худомӯзӣ тайёрӣ дида, имтиҳон супурдан.

**ЭКСТРЕМИЗМ** *лот.* ایکستریمیزم пайравӣ ба назария ва чорабиниҳои ифротӣ (*хусусан дар сиёсат*), ифротталабӣ.

**ЭКСТРЕМИСТ** *лот.* ایکستریمیست тарафдори ақидаи қатъӣ ва ифротӣ.

**ЭКСТРЕМИСТӢ** ایکستریمیستی *мансуб ба* **экстремист**: **назари экстремистӣ**, **қувваҳои экстремистӣ**.

**ЭЛ** *т.* ایل 1. дӯст, ёр, рафиқ: **эл шудан**. 2. қавм, қабила, тоифа; **элу улус** қабилаҳо, тоифаҳо; ◊ **эл сохтан** мутеъ кардан.

**ЭЛАК** ایلک ордбезак: **элак баҳона**, **дидор ғанимат** (*мақ.*).

**ЭЛАКБОФ** ایلکباف он ки элак мебофад, бофандаи элак.

**ЭЛАКБОФӢ** ایلکبافی амал ва шуғли элакбоф.

**ЭЛДОР** ایلدار *кит.* соҳибқабила, соҳибтоифа, хешутабордор; сардори қабила, пешвои қабила.

**ЭЛЕВАТОР** الیوتار 1. иморати аз ҷиҳати техникӣ муҷаҳҳаз барои нигоҳ доштани ғалла. 2. *тех.* мошини борбардорӣ.

**ЭЛЕКТР** *ю.* الیکتر *ниг.* **барқ**.

**ЭЛЕКТРӢ** الیکتری *ниг.* **барқӣ** 2.

**ЭЛЕКТРОВОЗ** *ю.* الیکتراواز як навъ нақлиёт, ки ба воситаи қувваи барқ ҳаракат мекунад.

**ЭЛЕКТРОД** *ю.* الیکتراد 1. асбоби барқгузарон, ки ба воситаи он ток ба моеъ ё газ мегузарад. 2. воситаи кафшергарӣ.

**ЭЛЕКТРОДИНАМИКА** *ю.* الیکترادینمیکه як шӯъбаи физика, ки хосиятҳои қувваи барқро меомӯзад.

**ЭЛЕКТРОДИНАМИКӢ** الیکترادینمیکی *физ.* *мансуб ба* **электродинамика**.

**ЭЛЕКТРОКАР** *ю.* الیکتراکر борбари дорои муҳаррики барқӣ.

**ЭЛЕКТРОКАРДИОГРАММА** *ю.* الیکتراکردیاگرمه наворе, ки дар он пасту баландии заниши дил навишта шудааст.

**ЭЛЕКТРОКАРДИОГРАФ** *ю.* الیکتراکردیاگرف дастгоҳе, ки пасту баландии заниши дилро ба навор сабт мекунад.

**ЭЛЕКТРОКАРДИОГРАФИЯ** *ю.* الیکتراکردیاگرفیه ба навор навишта гирифтани пасту баландии задани дил.

**ЭЛЕКТРОКОМБАЙН** *ю.* الیکتراکامبین комбайне, ки бо қувваи барқ кор мекунад.

**ЭЛЕКТРОКӮРА** الیکتراکوره печи барқӣ.

**ЭЛЕКТРОЛИЗ** *ю.* الیکترالیز *хим.* ба қисмҳои таркибӣ ҷудо шудани моддаҳо бо таъсири қувваи барқ.

**ЭЛЕКТРОЛИТ** *ю.* الیکترالیت *хим.* моддаҳои химиявӣ ва системаҳое, ки дар таркиби онҳо ҷараёни электрикӣ бо воситаи ионҳо интиқол меёбад.

**ЭЛЕКТРОЛИТӢ** الیکترالیتی *мансуб ба* **электролит**.

**ЭЛЕКТРОМАГНЕТИЗМ** *ю.* الیکترامگنیتیزم *физ.* маҷмӯи ҳодисаҳои магнитӣ, ки бо таъсири қувваи электрик пайдо шуда бошад.

**ЭЛЕКТРОМАГНИТ** *ю.* الیکترامگنیت магнити (оҳанрабои) электрикӣ.

**ЭЛЕКТРОМАГНИТӢ** الیکترامگنیتی *мансуб ба* **электромагнит**: **мавҷҳои электромагнитӣ**.

**ЭЛЕКТРОМЕХАНИК** *ю.* الیکترامیخنیک мутахассиси электромеханика: **муҳандиси электромеханик**.

**ЭЛЕКТРОМЕХАНИКА** *ю.* الیکترامیخنیکه як шӯъбаи электротехника оид ба мошинаҳои электрикӣ.

**ЭЛЕКТРОМЕХАНИКӢ** الیکترامیخنیکی *мансуб ба* **электромеханика**.

**ЭЛЕКТРОМОБИЛ** *ю.* الیکترامابیل автомобиле, ки бо қувваи барқ кор мекунад.

**ЭЛЕКТРОН** *ю.* الیکتران *физ.* хурдтарин зарраи электрикии зарядаш манфӣ, ки қисми таркибии ҳастаро ташкил дода, дар атрофи ядрои мусбат ҳаракат мекунад.

**ЭЛЕКТРОНИКА** *ю.* ایلیکترانیکه илмест дар бораи ҷараёнҳои электронӣ ва инчунин техникаи ба кор бурдани таҷҳизоти электронӣ.



**ЭЛЕКТРОНӢ** الیکترانی *мансуб ба* **электрон** ва **электроника**: **саноати электронӣ**, **мошинаи электронии ҳисоббарӣ**.

**ЭЛЕКТРОТЕХНИКА** *ю.* الیکتراتیخنیکه 1. илми истифода аз қувваи электрик; асосҳои назарии электротехника. 2. як соҳаи саноат, ки асбобҳои электрикӣ истеҳсол мекунад: **маҳсулоти электротехникаи маишӣ**.

**ЭЛЕКТРОТЕХНИКӢ** الیکتراتیخنیکی *мансуб ба* **электротехника**: **саноати электротехникӣ**.

**ЭЛЕКТРОХИМИКӢ** الیکتراخیمیکی *ниг.* **электрохимиявӣ**.

**ЭЛЕКТРОХИМИЯ** *ю.* الیکتراخیمیه *хим.*, *физ.* як шӯъбаи химияи физикӣ, ки муносибати протсессҳои электрикӣ ва химиявиро меомӯзад.

**ЭЛЕКТРОХИМИЯВӢ** الیکتراخیمیوی *мансуб ба* **электрохимия**: **комбинати электрохимиявӣ**.

**ЭЛЕМЕНТ** *лот.* الیمینت *ниг.* **унсур**. 2. *хим.* унсури басит, ҷисми басит; чизи сода, ки бо усулҳои муқаррарии химиявӣ ба қисмҳои таркибӣ ҷудо намешавад: **элементҳои химиявӣ**, **системаи даврии элементҳо**, **таснифи химиявии элементҳо**.

**ЭЛЕМЕНТАРӢ** الیمینتری сода, басит: **курси элементарӣ**, **математикаи элементарӣ**.

**ЭЛИКСИР** *фр.* ایلکسیر 1. як навъ нӯшокӣ, қиём ё ширaи чизе барои нӯшидан. 2. нӯшокии афсонавие, ки гӯё барои инсон умри абадӣ ва ҷавонӣ мебахшидааст, нӯшдору.

**ЭЛЛИКБОШӢ** ایلّیک‌باشی *таър.* яке аз мансабҳои хурди маъмурии пешазинқилобӣ; сардори панҷоҳ аскар дар сипоҳи хонигарӣ.

**ЭЛЛИНИЗМ** ایلّینیزم 1. *таър.* як давраи таърихии ноҳияҳои шарқии Баҳри Миёназамин, Осиёи Пеш ва атрофи Баҳри Сиёҳ аз истилои Искандар то солҳои 30-юми солшумории мелодӣ мо. 2. *мансуб ба* забон ва тамаддуни Юнон.

**ЭЛЛИПС//ЭЛЛИПСИС** *ю.* ایلّپس//ایلّپسس *риёз.* доираи дарозрӯяи тухмшакл.

**ЭЛЛИПСӢ** ایلّپسی *мансуб ба* **эллипс**; тухмшакл: **мадори эллипсӣ**.

**ЭЛНАВКАР** ایلنوکر *таър.* қисми аскарӣ дар Бухорои амирӣ, ки аз қабилаҳои ӯзбак ва туркман ташкил меёфт.

**ЭЛОТ** ایلات *ч.* **эл**; қабилаҳои ӯзбак ва туркман.

**ЭЛОТИЯ** ایلاتیه элҳо, элот, ӯзбакҳои кӯчманчӣ.

**ЭЛХОН** *т.-м* ایلخان *таър.* лақаб ва унвони подшоҳони муғул.

**ЭЛЧИГАРӢ** ایلچیگری *таър.* сафорат, сафирӣ, намояндагии ягон давлат дар давлати дигар.

**ЭЛЧИХОНА** ایلچی‌خانه *таър.* сафоратхона.

**ЭЛЧӢ** *т.* ایلچی *таър.* 1. намояндаи як давлат дар давлати дигар, фиристодаи махсус, сафир. 2. намояндае, ки дар майдони ҷанг барои гуфтугӯ кардан ба тарафи муқобил фиристода мешавад.

**ЭМ** ایم **:эм кардан** *гуфт.* нағзак пайванд кардан, гул буридан: ◊ **эму алас**; **эму дам** (**дем**) бо дуо ва ҷоду гӯё муолиҷа кардани касалҳо.

**ЭМБАРГО** *исп.* امبرگا аз тарафи давлат манъ карда шудани содирот ва воридоти молҳои хориҷӣ, таҳрим.

**ЭМБРИОЛОГИЯ** *ю.* امبرآلاگیه як соҳаи биология, ки инкишофи ҷанинро меомӯзад.

**ЭМБРИОН** *ю.* ایمبریان *анат.* ҷанини ҳайвон ва одам дар ибтидои инкишофаш.

**ЭМГАР** ایمگر 1. он ки эм мекунад. 2. он ки эму дам мекунад.

**ЭМИЗАК** ایمزک *гуфт.* пистонаки резинӣ, ки ба даҳони шишаи пуршир гузаронда, ба кӯдак мемаконанд.

**ЭМИН** *а.* ایمین бехавф, дар амну амон; хотирҷамъ, осуда; **эмин будан** дар амон будан, хотирҷамъ будан; **эмин кардан** бехавф гардонидан, бехатар кардан, хотирҷамъ гардонидан; **эмин мондан** саломат мондан, маҳфуз мондан.

**ЭМИНӢ** ایمینی 1. бехавфӣ, бехатарӣ, амонӣ, амният. 2. хотирҷамъӣ, осудагӣ, оромӣ.

**ЭМИССАР** *лот.* امیسّر он ки аз тарафи созмонҳои сиёсӣ ё давлате бо супориши махсус (асосан махфӣ) ба давлати дигар фиристода мешавад.

**ЭМИССИЯ** I *лот.* امیسّیه *иқт.* баровардан ва паҳн кардани пулҳои коғазӣ ва ҳар гуна ҳуҷҷатҳои пулӣ, барориши пул.

**ЭМИССИЯ** II *лот* امیسّیه *физ.* фотон, электрон, ион *ва г.*, афкандани ҷисмҳои гарм ё ҷисмҳое, ки ба онҳо майдонҳои электромагнитӣ таъсир мерасонанд.

**ЭМКУНӢ** ایم‌کنی *лаҳҷ.* эм кардан, нағзак пайванд кардан.

**ЭМУЛСИЯ** *лот.* ایمولسیه моеъ, ки дар таркибаш ба миқдори муайян қатраҳои микроскопии моеи дигар мавҷуд аст, масалан омехтаи обу равған ва ишқор, ки дар коркарди филизот истифода мешавад.

**ЭМУЛСИЯОФАР** ایمولسیه‌آفر моддаҳое, ки аз онҳо эмулсия ҳосил шавад.

**ЭНДОГАМИЯ** *ю.* انداگمیه одати зан гирифтан танҳо аз қабила, қавм ё гурӯҳи иҷтимоии худ; *муқоб.* **экзогамия**.

**ЭНДОКРИНӢ** انداکرینی *марбут ба* **эндрокринология**: **бемории эндрокринӣ**.

**ЭНДОКРИНОЛОГ** *ю.* انداکرینالاگ *тиб.* мутахассиси соҳаи эндокринология, ғадудшинос.

**ЭНДОКРИНОЛОГИЯ** اندراکرینالاگیه *тиб.* соҳаест оид ба ғадудҳои дохилӣ ва бемориҳои вобаста ба он.

**ЭНДШПИЛ** *олм.* ایندشپیل марҳилаи интиҳоии бозии шоҳмот.

**ЭНЕРГЕТИКА** *ю.* انیرگیتکه 1. як соҳаи физика, ки хусусиятҳои неруро меомӯзад. 2. соҳаи техника, ки бо тарзи истеҳсол ва истифодаи анвои неру машғул мешавад.

**ЭНЕРГЕТИКӢ** انیرگیتکی *мансуб ба* **энергетика**: **иншооти энергетикӣ**.

**ЭНЕРГИЯ** *ю.* انیرگیه *физ.* неру, қувва: **энергияи барқӣ**, **энергияи ҳастаӣ**.

**ЭНСЕФАЛИТ** *ю.* انسیفلیت *тиб.* варами мағзи сар, ки аз таъсири микроорганизмҳои касалиовар пайдо мешавад, илтиҳоби мағз.

**ЭНСИКЛОПЕДИСТ** *ю.* انسیکلاپیدیست донишманди ҳамаи соҳаҳои илм, аллома.

**ЭНСИКЛОПЕДИЯ** *ю.* انسیکلاپیدیه китоби махсуси ба шакли луғат тартиб додашуда, ки дар он дар бораи ҳама ё як соҳаи дониши инсон маълумоти илмӣ ҷамъ оварда шудааст, донишнома, доиратулмаориф: **Донишномаи Рӯдакӣ**.

**ЭНСИКЛОПЕДӢ** انسیکلاپیدی *мансуб ба* **энсиклопедия**: **луғати энсиклопедӣ**.

**ЭНТОМОЛОГ** انتامالاگ мутахассиси энтомология, ҳашаротшинос.

**ЭНТОМОЛОГИЯ** انتامالاگیه як соҳаи зоология, ки ҳашаротро меомӯзад, ҳашаротшиносӣ.

**ЭНТОМОЛОГӢ** انتامالاگی *мансуб ба* **энтомология**.

**ЭПИГРАФ** *ю.* اپیگرف *адш.* ҷумла ё иқтибосе, ки дар аввали китоб ё фасли алоҳидаи он навишта шуда, ба ғоя ва мазмуни асосии асар ишора мекунад.

**ЭПИДЕМИОЛОГ** *ю.* اپیدیمیالاگ мутахассиси соҳаи илми эпидемиология, коршинос ва пизишки бемориҳои гузаранда ва оммавӣ.

**ЭПИДЕМИОЛОГИЯ** *ю.* اپیدیمیالاگیه *тиб.* илме, ки пайдоиши бемориҳои гузарандаи оммавӣ, роҳҳои пешгирӣ ва мубориза бо ин бемориҳоро меомӯзад.

**ЭПИДЕМИОЛОГӢ** اپیدیمیالاگی *мансуб ба* **эпидемиология**: **маркази беҳдоштӣ эпидемологӣ**.

**ЭПИДЕМИЯ** *ю.* اپیدیمیه паҳн шудани ягон бемории гузаранда, вабо.

**ЭПИДЕМИЯВӢ** اپیدیمیوی *мансуб ба* **эпидемия**: **бемориҳои эпидемиявӣ**.

**ЭПИЗОД** *ю.* اپیزاد 1. воқеа, ҳодиса. 2. *адш.* воқеае, ки дар сюжети асари бадеӣ ба андозае мустақилона ба назар мерасад.

**ЭПИКУРЕИЗМ** *ю.* اپیکوریزم 1. *фалс.* фалсафаи материалист ва атеисти Юнони қадим Эпикур, ки дар асоси ақидаҳои атомистӣ оламро тавзеҳ дода буд. 2. ҷаҳонбиние, ки аз таҳрифи таълимоти этикии Эпикур пайдо шудааст ва он айшу ишратро мақсади ҳаёт мешуморад. 3. *маҷ.* ишратпарастӣ, айшдӯстӣ.

**ЭПИКӢ** اپیکی *мансуб ба* эпос ва тарзи баёни он; ҳамосӣ, размӣ.

**ЭПИЛЕПСИЯ** *ю.* اپیلپسیه *тиб.* бемории асаб, саръ.

**ЭПИЛЕПТИКӢ** اپیلپتکی *мансуб ба* **эпилепсия**.

**ЭПИЛОГ** *ю.* اپیلاگ *адш.* хотимаи асари бадеӣ, ки одатан дар он тақдири минбаъдаи қаҳрамон нақл карда мешавад.

**ЭПОПЕЯ** *ю.* اپاپیه силсилаи асарҳо ё асари калони эпикии як нависанда, ки воқеаҳои муҳими таърихии ягон давраи калонро тасвир мекунад. («Шоҳнома»-и Фирдавсӣ; «Ҷанг ва сулҳ»-и Л. Толстой *ва г.*).

**ЭПОС** *ю.* اپاس *адш.* 1. достони қаҳрамонӣ, достони ҳамосӣ. 2. маҷмӯи осори достонҳои фолклорӣ.

**ЭРАТӢ** ایرتی *лаҳҷ.* сохта, қалбакӣ, сунъӣ: **мӯи эратӣ**.

**ЭРГАНАК** ایرگنک *лаҳҷ.* чизи аз химчаву навдаҳои дарахт сохташуда, ки ҳамчун девор ҷоеро иҳота мекунад, девораи химчагин, чапар.

**ЭРИТРОСИТ** *ю.* ایریتراسیت ҷузъи таркибии хун – ҷисмчаҳои хурде, ки гемоглобин дарбар доранд.

**ЭРКА** *т.* ایرکه *гуфт.* нозпарвард: **писари эрка**, **эрка кардан (бачаро)** ба нозу нузи бача роҳ додан.

**ЭРКАГӢ** ایرکگی 1. нозу нуз. 2. нозпарвардӣ; **эркагӣ кардан** нозу нуз кардан.

**ЭРКАТОЙ** *т.* ایرکه‌تای *гуфт.* пурнозу нуз.

**ЭРКАТУЛФОР** ایرکه تلفار *ниг.* **эркатой**.

**ЭРМАК** *т.* ایرمک *гуфт.* худро ба чизе машғул доштан, воситае, ки боиси вақтгузаронӣ бошад.

**ЭРОД** *а.* ایراد 1. гуфтор, баён, зикр, гуфтан; **эрод кардан** гуфтан, сухан рондан. 2. эътироз, нуктагирӣ, хурдагирӣ (*ба гап ё кори касе*); **эрод гирифтан** а) хурдагирӣ кардан, айбҷӯӣ кардан (*ба кор, гапи касе*); б) ба ягон фикри касе розӣ нашуда, сухани ӯро буридан.

**ЭРОДГИР** ایرادگیر он ки ба ягон фикр ё коре эрод мегирад, он ки ба чизе хурдагирӣ мекунад, нуктагиранда ба чизе.

**ЭРОДГИРАНДА** ایرادگیرنده *ниг.* **эродгир**.

**ЭРОДГИРӢ** ایرادگیری амали эродгир.

**ЭРОДНОПАЗИР** ایرادناپذیر он чи ба эрод гирифтани он касе ҳақ надорад.

**ЭРОЗИЯ** ایرازیه *геол.* шуставу хӯрда шудани замин (хок) аз борон, об *ва г.*, фарсоиш

**ЭРОН** ایران 1. *таър.* номи умуми сарзамини эронинажодон. 2. номи расмии Ҷумҳурии Исломии Эрон

**ЭРОНЗАМИН** ایرانزمین *таър.* сарзамини Эрон, мамлакати Эрону эронинажодон.

**ЭРОНИНАМО** ایرانی‌نما монанд ба эронӣ.

**ЭРОНӢ** ایرانی *мансуб ба* **Эрон**: **гурӯҳи забонҳои эронӣ**.

**ЭРОНШАҲР** ایرانشهر *таър.* сарзамин ва кишвари Эрон.

**ЭРОНШИНОС** ایرانشناس мутахассиси соҳаи таъриху филология ва иқтисоду маданияти Эрон.

**ЭРОНШИНОСӢ** ایرانشناسی омӯзиш, таҳқиқ ва тадқиқи таърих, филология ва маданияти Эрон.

**ЭСКАДРИЛИЯ** *фр.* ایسکدریلیه гурӯҳи ҳавопаймоҳои ҳарбӣ: **экскадрилияи ҳавопаймоҳои бомбаандоз**, **экскадрилияи ҳавопаймоҳои қиркунанда**.

**ЭСКАЛАТОР** *англ.* ایسکلتار зинапояи равон (*мас.*, *дар метро*).

**ЭСКИЗ** *фр.* ایسکیز тарҳи пешакии ягон тасвир, расм *ва г.*, ангора.

**ЭСКИМО** *фр.* ایسکما яхмоси шоколаддор.

**ЭСКИМОС** ایسکماس як тоифаи халқ, ки дар Аляска, шимоли Канада, Чукотка ва ҷазираи Врангел зиндагӣ мекунад.

**ЭСКИМОСӢ** ایسکماسی *марбут ба* **эскимос**: **забони эксимосӣ**.

**ЭСКОРТ** ایسکارت *ҳ.* дастаи аскарони муҳофизат ва мушояаткунандаи касе ё чизе, дастаи ташрифот: **эскорти фахрӣ**.

**ЭСОР** *а.* ایثار *кит.* нисор кардан, бахшидан.

**ЭСПЕРАНТО** *фр.* ایسپرنتا забони байналхалқӣ, ки дар асри XIX дар асоси грамматика ва луғатҳои забонҳои аврупоӣ ба таври сунъӣ эҷод шуда буд.

**ЭССЕ** *фр.* ایسّی навъи очерк.

**ЭССЕНАВИС** ایسّی‌نویس нависанда ё рӯзноманигоре, ки дар эҷодаш эссе нақши ғолибтар дорад.

**ЭСССЕНАВИСӢ** ایسّی‌نویسی ба навиштани эссе машғул будан.

**ЭСТАКАДА** *фр.* ایستکده пули релсдори пасту баланд шаванда, ки дар роҳҳои оҳан, бандарҳо ё амади дарёҳо пайваст карда мешавад ва барои бор кардану фаровардани бор истифода мегардад.

**ЭСТАФЕТА** *фр.* استفیته 1. *варз.* мусобиқаи дави дастаҳо, ки дар он пойгачиён дар ҷои муайяни роҳ якдигарро иваз карда аломати шартиро гирифта медаванд, намояндаи кадом тим аломатро ба ҷои муқаррар пештар расонад, ҳамон даста ғолиб мешавад. 2. аломате, ки як пойгачӣ ба дигараш вақти ивазшавиаш медиҳад. 3. *маҷ.* навбати ягон кори бузург, ки дар иҷрояш одамони гуногунсин иштирок мекунанд; **эстафетаро гирифтан** *киноя аз* давом додани коре, ки дигарон сар кардаанд.

**ЭСТАФЕТӢ** استفیتی *марбут ба* **эстафета**.

**ЭСТЕТИЗМ** *ю.* استیتیزم 1. нафосатдӯстӣ. 2. ба ҷиҳати зоҳирии асарҳои санъат дода шуда, ғояи онҳоро ба назар нагирифтан; формализм дар санъат.

**ЭСТЕТИКА** *ю.* استیتیکه таълимоти фалсафиест, ки қонунҳои умумӣ, моҳият, пайдоиш ва тараққиёти санъатро таҳқиқ менамояд ва қонунҳои тараққиёти онро аз нуқтаи назари зебоии ҳаёт ва инъикоси он дар асарҳои санъат меомӯзад.

**ЭСТЕТИКӢ** استیتیکی *мансуб ба* **эстетика**: **лаззати эстетикӣ**, **идеяи эстетикӣ**, **назарӣ ё**, **тарбияи эстетикӣ**.

**ЭСТОНӢ** ایستانی *мансуб ба* **Эстония**: **забони эстонӣ**.

**ЭСТРАДА** *фр.* ایسترده 1. ҷои баланди махсус ба оркестр ва барои баромадкунандагон. 2. иҷрои асарҳои хурди мусиқавӣ ва драмаӣ аз эстрада.

**ЭСТРАДӢ** ایستردی *мансуб ба* **эстрада**: **оркестри эстрадӣ**.

**ЭТАК** ایتک аз лаҷом (нӯхта) гирифта бурдан (*мас.*, *аспро*).

**ЭТАЛОН** *фр.* ایتالان намунаи дақиқона сохташудаи ченак ва андоза, ки барои санҷидани ҳамин гуна чизҳо истифода мешавад: **эталони симобӣ**, **эталони симин**.

**ЭТИКА** *фр.* ایتکه таълимот дар бораи ахлоқ, принсипҳо ва мавқеи он дар ҷамъият.

**ЭТИЛӢ** ایتیلی аз этил: **спирти этилӣ**.

**ЭТИМОЛОГ** ایتیمالاگ *збш.* мутахассиси соҳаи этимология, пажӯҳишгари решашиносии калимаҳо.

**ЭТИМОЛОГИЯ** *ю.* ایتیمالاگیه *збш.* 1. як соҳаи забоншиносӣ, ки пайдоиши калимаҳоро меомӯзад. 2. пайдоиши калима, решашиносии вожаҳо.

**ЭТИМОЛОГӢ** اتيمالاگى *збш. мансуб ба* **этимология**: **луғати этимологӣ**, **тадқиқоти этимологӣ**.

**ЭТНИКӢ** اتنیکی мансуби ягон халқ ва халқият; *ниг.* **нажодӣ** 2.: **таркиби этникии аҳолӣ**.

**ЭТНОГЕНЕЗ** *ю.* اتناگینیز пайдоиши халқ.

**ЭТНОГРАФ** *ю.* اتناگرف мутахассиси этнография, он ки бо мардумшиносӣ машғул аст, мардумшинос.

**ЭТНОГРАФИЯ** *ю.* اتناگرفیه 1. илме, ки маишат, урфу одат ва маданияти моддию маънавии халқҳоро меомӯзад, мардумшиносӣ. 2. хусусиятҳои маишат, урфу одат ва маданияти ягон халқ: **этнографияи сокинони ягон маҳал**.

**ЭТНОГРАФӢ** اتناگرفی *мансуб ба* **этнография**: **маълумоти этнографӣ**, **экспедитсияи этнографӣ**.

**ЭТНОЛИНГВИСТ** اتنالنگویست муҳаққиқи забон ва хусусиятҳои этнографии як халқ.

**ЭТНОЛИНГВИСТИКА** *ю.* اتنالنگویستکه бахши илми забоншиносӣ, ки алоқа ва муносибати байни забон ва хусусиятҳои этникиро меомӯзад.

**ЭТЮД** *фр.* اتیود 1. тарҳи ягон асар ё ягон қисми вай дар санъати тасвирӣ. 2. асари хурди мусиқавӣ. 3. асари мусиқавӣ.

**ЭФИОП** ایفیاپ ҳабашӣ, ҳабашистонӣ.

**ЭФИОПӢ** ایفیاپی *марбут ба* **Эфиопия** (Ҳабашистон).

**ЭФИР** I *ю.* ایفیر моддаи обакии зудбухор, ки аз имтизоҷи спиртҳо ё спирту туршиҳо иборат аст; **равғани эфир** моддаи моеи зудпари равғаннамуди беранг ё зардранги бӯяш тез, ки аз баргу меваи баъзе растаниҳои хушбӯй ҳосил мекунанд ва дар атриёт ва тиб истифода мешавад.

**ЭФИР** II *ю.* ایفیر муҳити ҳаво, ки дар он радиомавҷҳо ва сигналҳо паҳн мешаванд.

**ҲСЭФИРДОР** ایفیردار дорои эфир: **равғани эфирдор**.

**ЭХИНОКОКК** ایخیناکاکّ *зоол.* кирми паразити риштамонанд, ки дар рӯдаи саг, гурба ва гург мешавад ва дар рӯдаи одам пайдо шуданаш хавфнок аст.

**ЭҲ** ایه *калимаи нидо, ки* ҳайрат, тааҷҷуб, таассуф, шавқ, шодӣ *ва монанди инҳоро ифода мекунад.*

**ЭҲА** ایهه *калимаи нидо*, *ки* ҳайрат, таассуф ва аз чизе норозӣ буданро *ифода мекунад.*

**ЭҲДО** *а.* اهدا *кит.* ҳадя додан, инъом фиристодан.

**ЭҲДОС** *а.* احداث аз нав сохтан; ба вуҷуд овардан, падид овардан, эҷод намудан, бино кардан.

**ЭҲЕ** ایهی *калимаи нидо*, *ниг.* **эҳа**.

**ЭҲЁ** *а.* احیا *кит.* 1. аз нав зинда гардонидан, ҳаёт бахшидан. 2. зинда шудан.

**ЭҲЁКУНӢ** احیاکنی аз нав зинда кардан, барқарор кардан.

**ЭҲЁШАВӢ** احیاشوی аз нав пайдо шудан, аз нав зинда шудан.

**ЭҲЗОН** *а.* احزان андӯҳгин кардан, ғамгин сохтан: **кулбаи эҳзон** хонаи ғам, ғамхона.

**ЭҲЗОР** *а.* احضار *кит.* ҳозир кардан, чеғ зада оварондан (*касеро ба ҷое*).

**ЭҲМОЛ** *а.* اهمال *кит.* бепарвоӣ, саҳлангорӣ; таъхир, сустӣ.

**ЭҲМОЛКОР** اهمالکار сусткор, корро ақибкашанда.

**ЭҲРОҚ** *а.* احراق *кит.* сӯхтан; сӯзиш; сӯхтор.

**ЭҲРОМ** *а.* احرام *д.* дар вақти маросими ҳаҷ дар ҳудуде, ки муқаддас шуморида шудааст, пӯшидани порчаи сафеди нодӯхта: **эҳром бастан**.

**ЭҲРОМБАНД** احرامبند он ки маросими ҳаҷ ба ҷо оварда эҳром бастааст.

**ЭҲРОМӢ** احرامی матои нодӯхтаи сафед, ки ҳоҷиён дар вақти ҳаҷ мепӯшанд.

**ЭҲСОЪ** *а.* احصاء шумор, шумурдан, ҳисоб кардан, ба ҳисобгирӣ.

**ЭҲСОИЯ** *а.* احصائیه *кҳн.* идораи омор.

**ЭҲСОН** I *а.* احسان 1. некӯӣ, лутфу марҳамат. 2. ато, бахшиш, инъом; **эҳсон кардан (намудан)** а) бахшидан, инъом кардан; б) лутфу марҳамат кардан.

**ЭҲСОН** II *а.* احصان зан гирифтан, зандор шудан.

**ЭҲСОНГАР** احسان‌گر *ниг.* **эҳсонкор**.

**ЭҲСОНКОР** احسان‌کار соҳибмарҳамат, саховатманд.

**ЭҲСОНКОРӢ** احسان‌کاری некукорӣ, бахшандагӣ.

**ЭҲСОС** *а.* احساس ҳис кардан, ба воситаи яке аз ҳисҳои панҷгона дарёфтани чизе; ҳис, фаҳм; **эҳсос кардан** ҳис кардан, дарк кардан, пай бурдан, фаҳмидан.

**ЭҲСОСОТӢ** احساساتی ба эҳсосот додашаванда, ҳассос, зуд мутаассиршаванда.

**ЭҲСОСШАВАНДА** احساس‌شونده ҳисшаванда.

**ЭҲТИЁТ** *а.* احتیاط 1. оқибатандешӣ, кори бомулоҳиза, кори ботадбир, ботадбирӣ, ҳушёрӣ, пухтагӣ. 2. пасандоз барои эҳтиёҷи муҳим, барои эҳтиёҷи номаълум нигоҳ доштани чизе. 3. нигоҳбонӣ, муҳофизат; **аз рӯи эҳтиёт** мулоҳизакорона, барои пешгирӣ аз чизе, эҳтиётан, бо мулоҳизаи ноомади кор; **барои эҳтиёт** барои пешгирӣ аз пешомаде; **эҳтиёт кардан** а) ҳушёр шудан, барҳазар будан; б) нигоҳ доштан, муҳофизат кардан; в) нигоҳ доштан, захира кардан барои эҳтиёҷ ва рӯзи ноомад; **эҳтиёт шудан** хабардор шудан, ҳушёр будан.

**ЭҲТИЁТАН** *а.* احتیاطاً аз рӯи **эҳтиёт**.

**ЭҲТИЁТӢ** احتیاطی 1. барои эҳтиёт нигоҳ доштушуда, захиравӣ: **қисмҳои эҳтиётӣ**, **тирҳои эҳтиётӣ**. 2. барои эҳтиёт, пешакӣ: **чораҳои эҳтиётӣ**.

**ЭҲТИЁТКОР** احتیاط‌کار мулоҳизакор, ботадбир, оқибатандеш, ҳушёр.

**ЭҲТИЁТКОРӢ** احتیاط‌کاری эҳтиёткор будан, мулоҳизакорӣ, оқибатандешӣ, бо эҳтиёт кор кардан.

**ЭҲТИЁТКОРОНА** احتیاط‌کارانه 1. мулоҳизакорона, оқибатандешона. 2. ҳушёрона, мудаббирона; эҳтиёткорона кор кардан. 3. эҳтиётан, аз рӯи эҳтиёт.

**ЭҲТИЁҶ** *а.* احتیاج 1. ҳоҷат, ҳоҷатмандӣ, ниёзмандӣ ба чизе. 2. зарурат; **эҳтиёҷ доштан** ҳоҷатманд будан, зарурат доштан.

**ЭҲТИЁҶМАНД** احتیاج‌مند ҳоҷатманд, он ки ба чизе эҳтиёҷ дорад.

**ЭҲТИЁҶМАНДӢ** احتیاج‌مندی ҳоҷатмандӣ, мӯҳтоҷӣ ба чизе.

**ЭҲТИЗОЗ** *а.* اهتزاز *кит.* 1. шод шудан, шодмонӣ, хурсандӣ. 2. лаппидан, ҷунбидан, такон хӯрдан дар ҷои худ (*мас.*, *байрақ*).

**ЭҲТИЗОР** *а.* احتضار *кит.* фаро расидани марг: **ҳолати эҳтизор** лаҳзаи ҷонканӣ.

**ЭҲТИКОР** *а.* احتکار *кит.* анбор карда мондани мол барои ба нархи гарон фурӯхтан.

**ЭҲТИҚОР** *а.* احتقار *кит.* таҳқир кардан, ҳақорат; хору ҳақир шумурдан.

**ЭҲТИЛОМ** احتلام *а.* нутфа рехтан ҳангоми хоб, ки нишонаи балоғат аст, «шайтон задан», шайтонӣ шудан.

**ЭҲТИМОЛ** *а.* احتمال 1. пешомади номаълум; ҳар чиз ё воқеае, ки шуданаш ё нашуданаш маълум нест. 2. гумон, тахмин, занн. 3. шояд, мумкин аст ки, аҷаб нест, ки; **ба ҳар эҳтимол** а) ба ҳар ҳол; б) ба ҳар ҳодиса..., ба ҳар гуна пешомад.

**ЭҲТИМОЛАН** احتمالاً фаразан, мумкин аст ки, шояд.

**ЭҲТИМОЛӢ** احتمالی 1. фарзӣ, тахминӣ. 2. имконпазир, он чи шуданаш имкон дорад: **ҳуҷуми эҳтимолӣ**.

**ЭҲТИМОМ** *а.* اهتمام *кит.* саъю кӯшиш, ҳиммат, ғамхорӣ.

**ЭҲТИРОЗ** *а.* احتراز *кит.* парҳез ва худдорӣ кардан аз коре ё аз чизе.

**ЭҲТИРОҚ** *а.* احتراق *кит.* сӯхтан, сӯзиш, даргирифтан.

**ЭҲТИРОҚӢ** احتراقی даргиранда, сӯзанда.

**ЭҲТИРОМ** *а.* احترام ҳурмат, иззату икром; **эҳтироми** *касеро* **ба ҷо овардан** касеро мувофиқи қадраш иззату икром кардан; **эҳтиром кардан (намудан)** ҳурмат кардан.

**ЭҲТИРОМАН** *а.* احتراماً барои эҳтиром, ба сабаби ҳурмат.

**ЭҲТИРОМГУЗОР** احترام‌گذار соҳиби иззату эҳтиром.

**ЭҲТИРОМГУЗОРӢ** احترام‌گذاری мӯҳтарам шумурдан, соҳибэҳтиром донистан.

**ЭҲТИРОМӢ** احترامی эҳтиромнок, ҳурматнок:

**унвони эҳтиромӣ**.

**ЭҲТИРОМКОР** احترامکار он ки нисбат ба ҳама ҳурмату эҳтиром дорад.

**ЭҲТИРОМКОРОНА** احترامکارانه бо эҳтиром, бо иззату икром, эҳтиром зоҳир карда, эҳтиромкунон.

**ЭҲТИРОМКУНАНДА** احترامکننده *ниг.* **эҳтиромкор**.

**ЭҲТИРОМОНА** احترامانه *ниг.* **эҳтироман**.

**ЭҲТИРОС** *а.* احتراس хоҳиши зӯр, майл ва рағбати бисёр.

**ЭҲТИСОБ** *а.* احتساب *кит.* 1. шумурдан, ба ҳисоб гирифтан. 2. бозхост, ба ҷавобгарӣ кашидан (*амали мӯҳтасиб*); **эҳтисоб кардан** ҷазо додан, ба ҷавобгарӣ кашидан.

**ЭҲТИСОС** *а.* احتساس ҳиссиёт, эҳсосот.

**ЭҲТИШОМ** *а.* احتشام 1. соҳиби ҳашамат ва шукӯҳ будан. 2. *маҷ.* кибру ғурур, калонгирӣ, худписандӣ.

**ЭЧКАМАР//ЭЧКЕМАР** *т.* ایچکمر//ایچکیمر *лаҳҷ.* калтакалоси калон, сусмори калон.

**ЭҶ** ایج *ниг.* **ҳеҷ**.

**ЭҶОБ** *а.* ایجاب *кит.* воҷиб, зарур гардонидан, қабул гардонидан; **ба эҷоби**... ба тақозои; **ба эҷоби инсониятпарварӣ**.

**ЭҶОБӢ** ایجابی мусбат, тасдиқӣ; *муқоб.* **манфӣ**: **ҷавоби эҷобӣ** ҷавоби мусбат.

**ЭҶОД** *а.* ایجاد 1. ба вуҷуд овардан, офаридан. 2. асар, чизи офаридашуда; **эҷод кардан (намудан)** офаридан, ба вуҷуд овардан.

**ЭҶОДГАР** ایجادگر эҷодкунанда, офаранда, эҷодкор.

**ЭҶОДИЁТ** ایجادیات асар, ёдгорӣ ва чизҳои пурарзиши маданӣ ва моддӣ, ки мундариҷаи нав дошта бошанд; ба вуҷуд овардани асарҳои бадеӣ, ёдгорӣ ва чизҳои пурарзиши модӣ: **эҷодиёти нависанда**, **эҷодиёти халқ**.

**ЭҶОДӢ** ایجادی ҳар чизе ва коре, ки ба эҷодкорӣ вобаста аст, ҳар чизе ва амале ки ба эҷодиёт мансуб аст; эҷодкорӣ, бунёдкорӣ: **кори (меҳнати) эҷодӣ**, **фаъолияти эҷодӣ**, **қувваҳои эҷодӣ**, **иттифоқҳои эҷодӣ**.

**ЭҶОДКОР** ایجادکار он ки чизеро эҷод мекунад, бавуҷудоваранда, офаринанда, бунёдкунанда: **халқи эҷодкор**.

**ЭҶОДКОРӢ** ایجادکاری эҷод кардан, бо бунёд ва офаридани чизе машғул шудан, бунёдкорӣ.

**ЭҶОДКОРОНА** ایجادکارانه коре, ки хусусияти эҷодӣ дорад, коре, ки дар он чизе офарида мешавад ва бунёд мегардад; бунёдкорона, бунёдкорӣ.

**ЭҶОДКУНАНДА** ایجادکننده 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **эҷод кардан**. 2. он ки эҷод мекунад, эҷодкор, бунёдкунанда, офаринандаи чизе.

**ЭҶОЗ** *а.* ایجاز кӯтоҳӣ, ихтисор дар сухангӯӣ, мухтасарбаёнӣ.

**ЭҶОЗАН** ایجازاً ба таври кӯтоҳ, ихтисоран.

**ЭШИКОҒОСӢ** *т.* ایشیکاغاسی *таър.* мансаби нуҳум дар тартиби мартабаҳо дар аморати Бухоро, раиси ташрифот.

**ЭШИКОҒОБОШӢ** *т.* ایشیکاغاباشی *ниг.* **эшикоғосӣ**.

**ЭШОН I** ایشان 1. *ҷонишини шахси сеюми ҷамъ* **онҳо**. 2. баъзан барои эҳтироми шахси сеюми танҳо кор фармуда мешавад.

**ЭШОН II** ایشان *таър.* рӯҳонии намоён, шайх, муллои рӯҳонӣ, ки гузаштагонаш низ ба ҳамин табақа мансуб бошанд, лақаби шайхҳо, хоҷагон ва муллоҳои калон.

**ЭШОНБИБӢ** ایشانبیبی зане, ки аз хона водаи эшонҳо бошад, зани солхӯрдае аз эшонҳо.

**ЭШОНЗОДА** ایشانزاده фарзанди эшон, бачаи домулло ё шайхи калон.

**ЭШОНӢ** ایشانی *мансуб ба* **эшон**; кор ва амали эшон, эшон будан; рӯҳонӣ будан, муллоӣ; дуохонӣ.

**ЭШОНТӮРА** ایشانتوره *таър.* пешвои дарвешон.

**ЭЪДОД** *а.* اعداد *кит.* тайёрӣ, омодагӣ.

**ЭЪДОМ** *а.* اعدام *кит.* нест кардан, куштан, нобуд сохтан.

**ЭЪЗОЗ** *а.* اعزاز ҳурмат, иззат, эҳтиром: **эъзозу икром**; **эъзоз кардан** иззат кардан.

**ЭЪЗОМ I** *а.* اعزام *кит.* фиристодан, равона кардан.

**ЭЪЗОМ** II *а.* اعظام *кит.* бузург доштан, бузург кардан.

**ЭЪЗОР** *а.* اعذار *кит.* 1. узроварӣ, маъзарат хостан. 2. баҳона ҷустан, баҳона кардан.

**ЭЪЛОМ** I *а.* ائلام 1. огоҳ кардан, огоҳонидан. 2. огоҳӣ.

**ЭЪЛОМ** II *а.* اعلام аламнок кардан, озор расонидан, азият расонидан.

**ЭЪЛОМИЯ** اعلامیه изҳорот, баёноти расмӣ.

**ЭЪЛОН** *а.* اعلان 1. ошкор кардан. 2. огоҳӣ, хабардиҳӣ, маълумгардонӣ; эълон кардан, хабар додан, маълум гардонидан. 3. эълоннома, реклама.

**ЭЪЛОНКУНАНДА** اعلان‌کننده хабардиҳанда, маълумкунанда, огоҳонанда.

**ЭЪЛОННОМА** اعلان‌نامه варақае, ки дар он эълон навишта шудааст; **эълоннома часпонидан** коғази эълонро ба ҷое часпондан, ки мардум хонанд.

**ЭЪМОҚ** *а.* اعماق *кит.* чуқуриҳо, тагҳо (*дурусташ* **аъмоқ**).

**ЭЪРОБ** *а.* اعراب *кит.* 1. дуруст талаффуз кардан ва дуруст навиштани калимаҳо. 2. ҳаракатҳо (*забар, зер, пеш, сукун ва г.*) дар навишти калимаҳо ба алифбои арабӣ; ҳамаи ҳаракатҳои навишти арабии калимаҳо.

**ЭЪРОЗ** *а.* اعراض 1. ҳазар кардан, дурӣ намудан. **эъроз кардан** (ё **намудан).** 2. норозигӣ, эътироз; зиддият, мухолифат.

**ЭЪТИБОР** *а.* اعتبار 1. обрӯ, қадр, мартаба, манзилат, аҳамият. 2. эътимод, бовар, имтинон; **ба эътибори...** ба назар гирифтани..., асосан...; **ба эътибори ин ки** аз он сабаб ки, ба сабаби ин ки, бинобар ин ки; **эътибор додан** аҳамият додан, диққат кардан, ба назар гирифтан; **эътибор доштан** арзиш доштан, сазовори боварӣ будан, қадр ва аҳамият доштан; **аз назари эътибор дур мондан** аз доираи назар берун мондан, аҳамият дода нашудан; **аз эътибор соқит кардан** аз ҳисоб берун кардан, ба ҳисоб нагирифтан, мавҷуд ҳисоб накардан. 3. доштани ҳаққи истифодаи қарз, хидматрасонӣ ё хариди маҳсулот бе пардохти фаврии пул.

**ЭЪТИБОРАН** *а.* اعتباراً сар карда..., давом дода...; **аз имрӯз эътиборан** аз имрӯз сар карда.

**ЭЪТИБОРДОР** اعتباردار дорои мартабаву обрӯву эътибор, дорои аҳамият ва арзиш, арзишдор.

**ЭЪТИБОРНОК** اعتبارناک 1. мавриди эътимод, соҳибэътибор, баобрӯ, боқадр, бонуфуз. 2. асоснок, ҳақиқӣ, мӯътабар: **маълумотҳои эътиборнок**. 3. ҷорӣ, дар истифодабуда: **ҳуҷҷати эътиборнок**.

**ЭЪТИБОРНОКӢ** اعتبارناکی 1. эътимоднокӣ, боқадрӣ, бонуфузӣ, боообрӯӣ. 2. асоснокӣ, мӯътабарӣ.

**ЭЪТИБОРНОМА** اعتبارنامه *дипл.* ҳуҷҷати давлатӣ, ки ба намояндаи дипломатӣ дар бораи таъйин шуданаш ба сафорат дода мешавад, ваколатнома.

**ЭЪТИДОЛ** *а.* اعتدال дараҷаи миёна, мӯътадилӣ (*мас., на гарм ва на хунук, на тар ва на хушк*); баробарӣ, мувозанат; **аз ҳадди эътидол гузаштан** вайрон шудани мувозанат, аз байн рафтани мӯътадилӣ.

**ЭЪТИЗОЛ** *а.* اعتزال гӯшанишинӣ, ҷудоӣ, узлат; **аҳли эътизол** аҳли мӯътазила, мансубони мазҳаби мӯътазила.

**ЭЪТИЗОР** *а.* اعتذار *кит.* узрталабӣ, узрхоҳӣ.

**ЭЪТИКОФ** *а.* اعتکاف *д.* гӯшанишинӣ барои ибодат.

**ЭЪТИКОФНИШИН** اعتکاف‌نشین гӯшанишин, узлатӣ.

**ЭЪТИҚОД** *а.* اعتقاد ақида доштан, бовар, яқин доштан; **эътиқод доштан (кардан)** бовар кардан, ақида доштан.

**ЭЪТИҚОДМАНД** اعتقادمند *ниг.* **эътиқоднок**.

**ЭЪТИҚОДНОК** اعتقادناک боэътиқод, боварнок.

**ЭЪТИЛО** *а.* اعتلا *кит.* баланд шудан, улув, болоравӣ, бартарӣ.

**ЭЪТИЛОЛ** *а.* اعتلال *кит.* бемор шудан, иллат пайдо кардан.

**ЭЪТИЛОФ** *а.* ائتلاف *кит.* иттиҳод, ба ҳам пайвастан.

**ЭЪТИЛОФӢ** ائتلافی пайвастшавӣ, муттаҳид шудан: **неруҳои эътилофӣ**.

**ЭЪТИМОД** *а.* اعتماد бовар кардан ба чизе, ба

касе ё чизе бовар карда кореро кардан, боварӣ, итминон; **бо эътимод** бо боварӣ, бо итминон; **эътимод доштан** бовар кардан, дилпурӣ доштан; **эътимод кардан** бовар кардан, итминон доштан.

**ЭЪТИМОДБАХШ** اعتمادبخش боварибахш, мавриди эътимод.

**ЭЪТИМОДИЯТ** اعتمادیت қобили боварӣ будан: **эътимодияти истифодаи таҷҳизот**.

**ЭЪТИМОДНОК** اعتمادناک 1. боэътимод, эътимодбахш, мавриди итминон: **одами эътимоднок**, **мисоли эътимоднок**. 2. боэътибор, эътиборнок.

**ЭЪТИМОДНОКӢ** اعتمادناکی боэътимод будан, боварибахшӣ, боваринокӣ.

**ЭЪТИМОДНОМА** اعتمادنامه ҳуҷҷати расмие, ки намояндагии дипломатӣ таъйин шудани касеро тасдиқ мекунад.

**ЭЪТИМОДУДДАВЛА** *а.* اعتمادالدّوله такягоҳи давлат, паноҳи давлат, боэътибори давлат (*сифати шахси мӯътамад*).

**ЭЪТИНО** *а.* اعتنا таваҷҷӯҳ, диққат: **эътино кардан** аҳамият додан, диққат кардан, таваҷҷӯҳ доштан.

**ЭЪТИРОЗ** *а.* اعتراض эродгирӣ, бо хӯрдагирӣ пеши сухани касеро бастан; норозигӣ ва муқобилат ба фикр ё кори касе; **эътироз баён кардан** норозигӣ изҳор кардан.

**ЭЪТИРОЗӢ** اعتراضی эътирознок: **мактуби эътирозӣ**, **митинги эътирозӣ**.

**ЭЪТИРОЗНОМА** اعتراض‌نامه эътирози хаттӣ.

**ЭЪТИРОЗНОПАЗИР** اعتراض‌ناپذیر раднашаванда, инкорнопазир.

**ЭЪТИРОЗОМЕЗ** اعتراض‌آمیز эътирознок, норозиёна: **суоли эътирозомез**.

**ЭЪТИРОФ** *а.* اعتراف иқрор шудан, камбудии худро ё бартарии чизеро ба гардан гирифтан, ба коре розӣ шудан ва қабул кардан; *муқоб.* **инкор**; **эътироф кардан (намудан)** ба чизе розӣ шудан, чизеро қабул кардан.

**ЭЪТИСОБ** *а.* اعتصاب *кит.* корпартоӣ.

**ЭЪТО** *а.* اعطا *кит.* ато кардан, бахшидан, бахшиш.

**ЭЪҶОЗ** *а.* اعجاز оҷиз гардондан, ба аҷз овардан, кардани коре, ки дигарон аз он оҷиз бошанд; кори аз одат берун ва ҳайратовар (*хоси пайғамбарон*).

**ЭЪҶОЗКОР** اعجازکار он ки кори ҳайратовар мекунад, мӯъҷизакор.

**ЭЪҶОЗКОРӢ** اعجازکاری кори ҳайратовар кардан, мӯҷизакорӣ.

**ЭЪҶОЗКОРОНА** اعجازکارانه мӯъҷизакорона, ба таври ҳайратовар.

**ЭЪҶОЗНАВИС** اعجازنویس нависандаи эъҷоз, мӯъҷизанавис, шоире, ки шеъри аҷиби ҳайратовар мегӯяд.

# Ю

**Ю** *ҳарфи сию чоруми алифбои ҳозираи тоҷикӣ; дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ бо ду ҳарф –* йо ва вов (یو) *ифода мегардад.*

**Ю** و (یو) *пайвандаки пайвасткунандаи паиҳам, ки баъди калимаҳои бо садонок тамомшавандаи паиҳам ба ҷои* «ва» *истифода мешавад*: **хонаю дар, ҳавою ҳавас**….

**ЮБА** یوبه *кҳн.* орзу, хоҳиш, ҳавас, иштиёқ.

**ЮБС//ЯБС** *а.* یبس хушк шудан.

**ЮБУСАТ** *а.* یبوست *кит.* 1. хушкӣ, беобӣ. 2. қабзият.

**ЮҒ** *т.* یوغ 1. абзори ҷуфт, ки бар гардани ҷуфти гов ниҳода, чӯби испор ё моларо ба вай мебанданд. 2. *маҷ.* асорат, бандагӣ.

**ЮҒАК** یوغک юғи хурди ҷувоз, ки ба гардани асп ё гови ҷувоз мебанданд.

**ЮҒАН** یوغن *бот.* номи як хел алафи хӯрокии чорпо, ки ӯған, юғон, юға низ меноманд.

**ЮҒӢ** یوغی чӯби ғафсест, ки дар тарафи пешайвони болои сутунҳо гузошта бар болои вай яксар болорҳо мемонанд.

**ЮҒЧА** یوغچه ходаи калон, чӯби кундаланг.

**ЮЗ** یوز 1. *зоол.* ҳайвони дарандаи хурдтар аз паланг. 2. саги шикорӣ

**ЮЗА** I یوزه *кит.* бачаи юз, бачаи саги шикорӣ.

**ЮЗА** II یوزه *кит.* гадо, соил.

**ЮЗБОШӢ** *т.* یوزباشی *кҳн.* сардори дастаи саднафараи қӯшун.

**ЮЛҒУН** *т.* یولغون як навъ дарахти буттагӣ, ки дар даштҳо ва соҳили санглохи дарёҳо мерӯяд.

**ЮЛМА** *т.* یولمه :**юлма кардан** аз пашм тоза кардани пӯсти гӯсфанд бо роҳи дар оби ҷӯш тар кардани он.

**ЮМН** *а.* یمن 1. *кит.* бахт, толеъ, иқбол. 2. баракат. 3. некӣ, хубӣ; **ба (аз) юмни…** ба шарофати..., аз баракати...

**ЮН** یون *кит.* 1. намадзин, ҷул. 2. пашиз, дирам, фулус.

**ЮНГ** ینگ *гуфт.* инҷиқии шахси касалманд аз бемории бардавом.

**ЮНДИКОСА** یندیکاسه *лаҳҷ.* зарфест, ки ба он сагро хӯрок медиҳанд.

**ЮНДӢ** *т.* یوندی *гуфт.* обе, ки пас аз шустани косаю табақ ва дег боқӣ мемонад.

**ЮНДУҚ** *т.* یوندق *ниг.* **юндӣ**.

**ЮНЕСКО** یونیسکا яке аз муассисаҳои СММ, ки ба масъалаҳои илм, маориф ва фарҳанг машғул аст.

**ЮНОН** یونان номи кишвари маъруф дар нимҷазираи Балкан; ◊ **юнони рӯз** субҳи рӯз, субҳидам.

**ЮНОНЗАМИН** یونانزمین сарзамини Юнон.

**ЮНОНӢ** یونانی *мансуб ба* **Юнон**.

**ЮНУС** یونس номи яке аз пайғамбарон, ки ба коми моҳӣ фурӯ рафта буд; ◊ **Юнус андар даҳони моҳӣ шуд** рафтани рӯз ва фаро расидани шаб.

**ЮНУЧҚА** *т.* یونچقه алафест дарозпояи баргаш

ба барги себарга монанд, ки барои хӯроки ҳайвонот кишт мешавад.

**ЮНУЧҚАДАРАВ(Ӣ)** (یونچقه‌دَرو(ی وақти дарави юнучқаи расида.

**ЮНУЧҚАЗОР** یونچقه‌زار замини кишти юнучқа.

**ЮНУЧҚАКОРӢ** یونچقه‌کاری юнучқаро кишт карда, парвариш кардан.

**ЮНУЧҚАПАЯ** یونچقه‌پیه *ниг.* **юнучқапоя**.

**ЮНУЧҚАПОЯ** یونچقه‌پایه замине, ки юнучқа кишт шудааст, замини юнучқа.

**ЮРГАК** *т.* یورگک *гуфт.* **:юргак кардан** парпеч кардани кӯдак.

**ЮРГАКПЕЧ** یورگک‌پیچ *ниг.* **юргак**.

**ЮРҒА** *т.* یورغه сифати ҳайвони савории резақадами тезрафтор.

**ЮРИШ** *т.* یورش тохти лашкар ба душман, ҳуҷуми лашкар, тохтутоз; **юриш кардан** ҳуҷум кардан, ҳамла овардан.

**ЮРИШГАР** یورشگر *кҳн.* нисбат ба шоҳ ё сарлашкаре мегӯянд, ки муттасил ба дигар кишварҳо лашкар мекашад.

**ЮРМА** *т.* یورمه як навъ гулдӯзӣ.

**ЮРМАДӮЗ** یورمه‌دوز он ки ба гулдӯзии юрма машғул аст.

**ЮРМАДӮЗӢ** یورمه‌دوزی амали юрмадӯз.

**ЮРМОН** یورمان *зоол.* ҷонварест хурд аз хояндагон, зарарраcони кишт.

**ЮРТ** *т.* یورت хонаи муваққати махрутшакли мардуми кӯчманчӣ.

**ЮРУШ** *т.* یورش *ниг.* **юриш**.

**ЮСА** یوسه *кит., ниг.* **арра**.

**ЮСР** *а.* یسر осонӣ, осон шудан, осоиш, осонии кор, кушоиши кор; *муқоб.* **уср**.

**ЮСРО** *а.* یسری осонӣ, осоиштагӣ; *муқоб.* **усро**.

**ЮСУФ** یوسف номи писари Яъқуби пайғамбар, ки дар ҳусну ҷамол бемисл будааст; **Юсуфи рӯз** *киноя аз* офтоб.

**ЮСУФИСТОН** یوسفستان *кит.*, *киноя аз* макони зебоӣ, маҳалли хубрӯён.

**ЮСУФӢ** یوسفی *мансуб ба* **Юсуф**; **ҷамоли юсуфӣ** юсуфмонанд зебо будан, зебоӣ, хушрӯӣ.

**ЮСУФНИГОР** یوسف‌نگار *киноя аз* зебо, хушрӯй, хушнамуд.

**ЮСУФРУХ** یوسف‌رخ *киноя аз* зебо, бисёр хушрӯй.

**ЮСУФРӮ(Й)** (یوسف‌رو(ی *ниг.* **юсуфрух**.

**ЮСУФТАЛЪАТ** یوسف‌طلعت *ниг.* **юсуфрух**.

**ЮСУФҶАМОЛ** یوسف‌جمال *ниг.* **юсуфрух**.

**ЮФӢ** یوفی *кит.* ҳарзагӯй, беҳудагӯй, лофзан.

**ЮФУН** یفون *кит.* 1. кӯҳналибос, даридалибос, ҷандапӯш. 2. даридагӣ, лахт-лахт.

**ЮҲО** یوها 1. ҷонвари пурдаҳшати афсонавӣ. 2. *гуфт.* носерам, бисёр пурхӯр.

# Я

**Я** *ҳарфи сию панҷуми алифбои ҳозираи тоҷикӣ; дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ дар аввали калимае, ки бо* йои *фатҳадор сар мешавад, танҳо бо ҳарфи* йо (ی) *ва дар охири калима бо ҳарфҳои* йо ва ҳои ҳаввази ғайрималфуз (یه) *ифода мегардад*: **як - یَک**, **ягона - یَگانه**, **қофия - قافیه**, **ноҳия - ناحیه**.

**ЯБ** یب *кҳн.* тир, тири пайкондор.

**ЯБҒУ** *т.* یبغو *таър.* унвони ҳокимони муғулӣ-туркӣ дар Осиёи Миёна ва Эрон.

**ЯБОБ** *а.* یباب *кит.* вайрон, хароб.

**ЯБРУҶ** *а.* یبروج *ниг.* **ябрӯҳ**.

**ЯБРӮҲ** *а.* یبروح *бот.* як навъ гиёҳест, ки бех ва решаи он ба шакли одам аст; астаранг, меҳргиёҳ, мардумгиёҳ.

**ЯБРӮҲУССАНАМ//ЯБРУҶУССАНАМ** *а.* یبروح‌الصّنم//یبروج‌الصّنم *ниг.* **ябрӯҳ**.

**ЯБС** *а.* یبس *ниг.* **юбс**.

**ЯВҒОН** یوغان хӯроки бегӯшту беравған; *мач.* хӯроки фақирона.

**ЯВМ** *а.* یوم *кит.* рӯз.

**ЯВМИН** *а.* یومین *кит.* рӯзҳо; **кулли явмин батар** (*мақ.*) рӯз аз рӯз бадтар, беҳбудӣ нест.

**ЯВМИЯ** *а.* یومیه *мансуб ба* **явм**; рӯзона; якрӯза; ҳаррӯза.

**ЯВМӢ** یومی 1. рӯзона. 2. ҳаррӯза; якрӯза.

**ЯВМУДДИН** *а.* یوم‌الدّین *д.* рӯзи қиёмат.

**ЯВМУЛҚИЁМ** *а.* یوم‌القیام *д.* рӯзи ба по хестан; *киноя аз* рӯзи қиёмат, рӯзи растохез, рӯзи ҳашр.

**ЯВМУЛҲИСОБ** *а.* یوم‌الحساب *д.* рӯзи ҳисоб; охири дунё, рӯзи қиёмат, рӯзи маҳшар.

**ЯВМУЛҶАЗО** *а.* یوم‌الجزا рӯзи ҷазо додани гунаҳгорон, рӯзи қиёмат

**ЯВОҚИТ** *а.* یواقیت *ҷ.* **ёқут**.

**ЯВОШ** *т.* یواش *гуфт.* ором, мулоим, гапдаро.

**ЯВШОН** یوشان *бот.* як навъ гиёҳи худрӯи биёбонӣ, ки бӯй ва мазаи талх дорад.

**ЯГОН** یگان *ҷонишини номуайян, ки* шахс *ё* чизи номуайянро *ифода мекунад*; **ягон рӯз**, **ягон кас**, **ягон вақт**; **якта ҳам**, **ягонто ҳам, ягон-ягон** а) якто-якто, як-як, ҷудо-ҷудо, аҳёнан; б) алоҳида-алоҳида, ҳарҷо-ҳарҷо, тоқа-тоқа, аҳён-аҳён.

**ЯГОНА** یگانه 1. танҳо, якка. 2. яккаву ягона; маҳз, фақат (*бо тобиши таъкид*); **яккаву ягона** танҳо, фақат якто. 3. беҳамто, бемисл, беназир. 4. як, якшуда, муттаҳид, умумӣ; **ҷабҳаи ягона** ҷабҳаи муттаҳид; **ягона кардан** растаниҳои ғулув шуда баромадаро тоқа-тоқа кардан.

**ЯГОНАГӢ** یگانگی иттифоқ, ваҳдат, иттиҳод, якҷиҳатӣ.

**ЯГОНАГӮӢ** یگانه‌گویی худопарастӣ, яктопарастӣ.

**ЯГОНАГӮЙ** یگانه‌گوی *кит.* худогӯй, худоҷӯй, худопараст, яктопараст.

**ЯГОНАДИЛ** یگانه‌دل якдил, мувофиқ, ҳамақида, ҳамовоз, ҳамраъй.

**ЯГОНАКУНӢ** یگانه‌کنی ягона кардан, тоқа-тоқа гузоштани ниҳоли наврастаи растаниҳо.

**ЯГОНТА** یگانته *гуфт.* 1. бисёр не якто, якто ҳам бошад. 2. ҳеҷ як аз (онҳо), ҳеҷ кадом.

**ЯГУНА** یگونه *шакли кӯтоҳшудаи* **як гуна**.

**ЯҒИР** *т.* یغیر захме, ки дар пушти ҳайвоноти саворӣ аз зарби молиш хӯрдани полон ё зин пайдо мешавад; **шутур калон, яғираш ҳам калон** (*зарб.*) яъне ташвиши ҳар кас мувофиқи ҳоли худи ӯ мебошад.

**ЯҒЛОҒУ//ЁҒЛОҒУ** *т.* یغلاغو//یاغلاغو *гуфт.* зарфи мисин ё чӯянӣ (-и дастадор) барои пухту паз ё доғ кардани равған.

**ЯҒМО** *т.* یغما талаву тороҷ, ғорат, маҷбуран кашида гирифтани чизу чораи дигарон; **ба яғмо бурдан** тороҷ кардан; **ба яғмо рафтан** тороҷ шудан, ғорат гардидан.

**ЯҒМОБАР** یغماگر ғоратгар.

**ЯҒМОГАР** یغماگر тороҷгар, ғоратгар.

**ЯҒМОГАРӢ** یغماگری тороҷгарӣ, ғоратгарӣ.

**ЯҒМОДИДА** یغمادیده тороҷшуда, ғоратшуда.

**ЯҒМОӢ** یغمائی 1. *мансуб ба* **яғмо**: **бути яғмоӣ** маҳбубаи зебо. 2. тороҷгарӣ, яғмогарӣ. 3. тороҷгар, ғоратгар: **турки яғмоӣ**.

**ЯҒНОБӢ** یغنابی *мансуб ба* **Яғноб**: **забони яғнобӣ**; **аҳли Яғноб**.

**ЯҒОМ** *а.* یغام дев, иблис; шайтон.

**ЯД** *а.* ید даст; ◊ **яди байзо** а) дасти мӯъҷизаноки Мӯсои пайғамбар, ки агар дар бағал карда, сипас берун мебаровард, мисли офтоб медурахшид; б) дасти сафеди ёр; в) равшанӣ; офтоб; г) мӯъҷиза; корнома; д) маҳорат, тавоноӣ, қудрат; е) машҳур, маълум, забардаст: **яди суфло** дасти паст; дасти мӯҳтоҷ ва гадо; **яди тӯло**, **яди улё** дасти дароз; маҳорат, тавоноӣ.

**ЯДАЙН** *а.* یدین ду даст.

**ЯДАК** یدک 1. аспи эҳтиётии зинкарда ва ороста, ки пешопеши подшоҳон ва амирон мебурданд, аспи ятак. 2. *тех.* аробае, ки аз қафои мошин ё трактор баста мешавад, притсеп.

**ЯДАККАШ** یدک‌کش 1. аз ҷилав гирифта бурдан (*мас., аспро*). 2. мошин ё трактори махсус, ки барои бурдани мошинҳои вайрон ё бемотор истифода мешавад.

**ЯДАККИШТӢ** یدک‌کشتی киштии махсус барои баста бурдани дигар киштиҳо.

**ЯДАКСАНҶ** یدکسنج асбобе, ки барои чен кардани қувваи кашиш истифода мешавад.

**ЯДРО** *р.* یدرا *ниг.* **ҳаста**.

**ЯДРОӢ** یدرائی *мансуб ба* **ядро**; вобаста ба ядро; **физикаи ядроӣ**; **силоҳи ядроӣ**.

**ЯЗАК** یزک *кит.* 1. пешқаровули лашкар, ки барои аз душман хабардор шуда истодан истифода мешавад, пешрави сипоҳ, пешҷанг ва ҷилавгарди лашкар, талиа: **язак бар язак** қаравул паси қаравул, даста ба даста, гурӯҳ-гурӯҳ; **язак нишондан** қаравул мондан, посбон таъйин кардан. 2. ҷосус.

**ЯЗАКДОР** یزکدار *кит.* сардори пешқаравулон, раиси фавҷи ҷилавгард, сардори талиаи лашкар

**ЯЗАКДОРӢ** یزکداری *кит.* посбонӣ, қаравулӣ, нигаҳбонӣ.

**ЯЗДӢ** یزدی *мансуб ба* **Язд**; истиқоматкунандаи Язд; сокини Язд.

**ЯЗДОДӢ** یزدادی *кит.* навъи хӯрок аз гӯшти қима ё ҷигар, ки болои он тухми пухтаи мурғро гузошта, рӯи оташ мегузоранд, наргисӣ.

**ЯЗДИГУРДӢ** یزدگردی 1. *таър., марбут ва мансуб ба* **Яздигурди савум** – охирин подшоҳи Сосонӣ. 2. солшуморӣ ва таърихи яздигурдӣ.

**ЯЗДОН** یزدان *кит. д.* Худо, Худованд, Офаридгор.

**ЯЗДОНӢ** یزدانی *мансуб ба* **яздон**; ◊ **(ин) хилъати яздонӣ** а) *д.* чизи худодод; б) бадани инсон.

**ЯЗДОНПАРАСТ** یزدان‌پرست худопараст, худоҷӯй, худотарс.

**ЯЗДОНПАРАСТӢ** یزدان‌پرستی худопарастӣ, худоҷӯӣ, худотарсӣ.

**ЯЗДОНШИНОС** یزدان‌شناس худошинос, худопараст.

**ЯЗДОНШИНОСӢ** یزدان‌شناسی худошиносӣ, худопарастӣ.

**ЯЗИДӢ** یزیدی 1. *мансуб ба* **Язид** – номи яке аз халифаҳои умавӣ, ки набераи Муҳаммади пайғамбар (с) – Ҳусайн ибни Алӣ дар дашти карбало бо фармони ӯ кушта шуд. 2. *киноя аз* одами бадкеш.

**ЯЗНА** *т.* یزنه шавҳари хоҳар, хола ё амма, ки нисбат ба хешони зан калонсолтар бошад, поччо.

**ЙЙЛОВ** *т.* ییلاو *ниг.* **ййлоқ**.

**ЙЙЛОВӢ** ییلاوی *ниг.* **ййлоқӣ**.

**ЙЙЛОҚ** *т.* ییلاق ҷои тобистонгузаронии чорво ва чорводорон; ҷои хушобу ҳаво барои истироҳати тобистонӣ.

**ЙЙЛОҚӢ** ییلاقی *мансуб ба* **ййлоқ**: **чорводории йлоқӣ**.

**ЯК** یک 1. *шумораи миқдорӣ* адади аввалин. 2. *ҳамчун артикли* «е»: **як нафар** нафаре; **як нафас** нафасе; **як рӯз** рӯзе, дар яке аз рӯзҳо; **дар як зум** дар лаҳзае, дар оне. 3. *ҷонишини номуайян*; **як-ду** чанд; **як дараҷа** то андозае, то ҳадде; **як навъ** ба навъе, ба тарзе, ким чи хел; **қадар** то андозае, каме; **кадом як ба кимкадом** (*чизи номуайян*). 4. баробар, якхела (*ин ба он ё он ба ин*); **як ба як** а) алоҳида-алоҳида; б) сар ба сар, батафсил, аз як сар; **як дунё (олам)** ниҳоят бисёр, хеле зиёд; **як миқдор** каме, камтар; **як сари қадам (по)** масофаи наздик ба ягон нуқтае, маконе ҳангоми роҳ рафтан; **як тану як ҷон** муттаҳид, муттафиқ; **як тиру ду нишон** бо як ҳаракат ба ду чиз соҳиб шудан; **як умр** тамоми умр; **яку якбора** ногаҳон, дафъатан; **як хел** монанд, баробар; **аз як сар** аз аввал, аз ибтидо, аз аввал то охир, ҳамагӣ; **бо як забон** муттафиқона, муттаҳидона; **якаш ду намешуд** дар зиндагиаш бартарие вуҷуд намеомад, чиз андӯхта наметавонист; **як гапи** *касеро* **ду накардан** гапи касеро нагардондан, гуфтаҳояшро ҳатман иҷро кардан; **як дилу як ҷон (тан) шудан** муттаҳид шудан, муттафиқ гаштан; **яки** *касеро* **ду гуфтан** гапи касеро гардондан, гуфтаашро накардан; **як кардан** муттаҳид кардан; **як кор накарда намемонд** ҳатман зарар мерасонд; **якро сад кардан** хеле муболиға кардан, хеле афзудан (чизеро); **як чашм пӯшида кушодан** фурсати андак, лаҳзае, онан; **як чиз шудан** ягон воқеае рӯй додан; **як шудан** муттаҳид шудан; **як қад паридан** баноҳост аз чизи ногаҳонӣ тарсидан; **ба як пул нагирифтан** қадр накардан, ба эътибор нагирифтан; **як-як** а) паси ҳам, ба навбат, аз як сар; б) якто-якто, яктоӣ; в) ҷудо-ҷудо, алоҳида-алоҳида, ҳар яке.

**ЯКАНДОЗ** یک‌انداز 1. гилемчаи камбар. 2. кӯрпачаи камбар.

**ЯКАСПА** یک‌اسپه воситаи нақлиёт, ки онро як асп мекашад: **аробаи якаспа**.

**ЯКБАҒАЛА** یک‌بغله курта ё дигар либоси болопӯш, ки аз як тарафаш киса дорад.

**ЯКБАРА** یک‌بره 1. яктарафа: **пичақи тугмааш якбара.** 2. нисбат ба матоъ; **матои якбара** матое, ки бараш 80-100 см аст.

**ЯКБАРГА** یک‌برگه *бот.* як намуд алаф, ки тана ва як дона барг дорад.

**ЯКБАСӢ** یک‌بسی *кит.* якборагӣ, тамоман.

**ЯКБЕЛА** یک‌بیله қаиқе, ки бо як бел ронда мешавад.

**ЯКБОРА** یکباره 1. дар айни замон. 2. якҷоя, ҳама бо ҳам, баробари ҳам. 3. баногоҳ, ногаҳон, банохост; **яку якбора** тамоман, бакуллӣ.

**ЯКБОРАГӢ** یکبارگی *ниг.* **якбора**; **ба якборагӣ** банохост, дафъатан.

**ЯКБОРӢ** یکباری як бор-як бор, якдафъагӣ.

**ЯКБУРДАГӢ** یک‌بردگی як бурда-як бурда: **якбурдагӣ нон**.

**ЯКВАҚТА** یک‌وقته дар як вақт иҷрошаванда, вобастаи як вақти муайян: **ёрдампулии яквақта**.

**ЯКВАҚТӢ** یک‌وقتی дар як вақт иҷрошаванда ва ба як вақт мансуб ва мавқуф.

**ЯКВАҶАБӢ** یک‌وجبی як ваҷаб-як ваҷаб.

**ЯКГАЗА** یک‌گزه иборат аз як газ, ба андозаи як газ.

**ЯКГӮША** یک‌گوشه он ки ё он чи ки як гӯш дорад: **деги якгӯша**.

**ЯКДАҚИҚА(Г)Ӣ** یک‌دقیقه‌ای//یک‌دقیقگی як дақиқа–як дақиқа (вақти ҷудошуда): **фурсати якдақиқагӣ**.

**ЯКДАМА** یکدمه чизи буранда (*корд, ханҷар*), ки

як дам (канори тези буранда) дорад.

**ЯКДАМИНА** یکدمینه яклаҳзагӣ, кӯтоҳмуддат.

**ЯКДАРА** یکدره як дар дошта, дорои як дар: **хонаи якдара**, **ҳуҷраи якдара**.

**ЯКДАСТ** یکدست 1. бо як даст, якбора. 2. якхела, якшакл. 3. монанд, ҳамсол. 4. муттаҳид, мутаффиқ.

**ЯКДАСТА** یکدسته 1. якдастадор, дорои фақат як даст. 2. *гуфт.* номи зарфи обгирӣ, ки як даста дорад.

**ЯКДАСТӢ** یکدستی мутаффиқӣ, ягонагӣ, муттаҳидӣ.

**ЯКДАФЪА** یکدفعه *ниг.* якдафъагӣ; подоши якдафъа подоше, ки як маротиба дода мешавад.

**ЯКДАФЪАГӢ** یک دفعگی барои як бор, барои як навбат, якмартабагӣ: **иҷозатномаи якдафъагӣ**.

**ЯКДАФЪАИНА** یکدفعئینه *ниг.* **якдафъагӣ**.

**ЯКДАФЪАГИНА** یکدفعگینه *гуфт., ниг.* **якдафъагӣ**.

**ЯКДАҲОНӢ** یکدهانی хӯроки ба миқдори як даҳон; андак, каме.

**ЯКДИГАР** یکدیگر ҳамдигар, нисбат ба ду кас (чанд кас), ду чиз (чанд чиз) ба ҳам.

**ЯКДИГАРӢ** یکدیگری муносибат нисбат ба ҳам, ҳамдигарӣ, ҳамдигарфаҳмӣ.

**ЯКДИГАРФАҲМӢ** یکدیگرفهمی ду ва ё чанд нафар, ки дар масъалае мувофиқат кунанд.

**ЯКДИЛ** یکدل ҳамфикр, муттафиқ, муттаҳид; **якдил шудан** муттаҳиду муттафиқ шудан.

**ЯКДИЛА** یکدله *ниг.* **якдил**.

**ЯКДИЛАГӢ** یکدلگی *гуфт.* 1. ҳамфикрӣ, ҳамақидагӣ, муттаҳидӣ: **бо якдилагӣ.** 2. устуворӣ, маҳкамиродагӣ.

**ЯКДИЛӢ** یکدلی ҳамраъйӣ, ҳамақидагӣ, ҳамфикрӣ.

**ЯКДИЛОНА** یکدلانه бо якдилӣ, бо ҳамраъйӣ, муттафиқона, бо як овоз.

**ЯКДОНА** یکدانه 1. ягона, танҳо. 2. беназир, бемисл.

**ЯКЕ** یکی 1. шахсе, нафаре, як нафар, як кас. 2. ҳар як, ҳар кадом. 3. дафъатан, якбора, баногоҳ; **яке аз**... аз ҷумлаи...; **яке (яку) якбора** ба як бор, якбора, тамоман, (ба таври) ҳамешагӣ.

**ЯКЗАБОН** یکزبان ҳамфикр, ҳамраъй, якдил, муттаҳид, муттафиқ; **якзабон шудан** а) ҳамфикр шудан, муттаҳид ва муттафиқ шудан; б) забон як кардан, созиш кардан.

**ЯКЗАБОНА** یکزبانه *ниг.* **якзабон**.

**ЯКЗАБОНӢ** یکزبانی якдилӣ, ҳамовозӣ, ҳамфикрӣ.

**ЯКЗАЙЛ** یکذیل 1. ба андозаи баробар, бо як қарор. 2. муттасил, пайваста, беист.

**ЯКЗАЙЛА** یکذیله якхела; ҳамвора, пайваста, муттасил.

**ЯКЗАНА** یکزنه марде, ки танҳо як зани никоҳӣ дорад.

**ЯКЗАНАГӢ** یکزنگی ойине, ки танҳо як зан, як никоҳро раво медонад, моногамия.

**ЯКЗАНӢ** یکزنی *ниг.* **якзанагӣ**.

**ЯКЗОНУ** یکزانو бо як зону, як зону (нишастан), як зонуро ба замин такя дода нишастан.

**ЯККА** یکّه 1. танҳо, ба танҳоӣ; **якка ба якка** танҳо ба танҳо. 2. ягона, танҳо худаш. 3. бемисл, беҳамто; **яккаву ягона** танҳо, ягона; **хоҷагии якка** хоҷагии танҳо ва алоҳида, хоҷагии шахсӣ; **якка мондан** а) танҳо мондан; б) танҳо монондан; **якка-якка** ҷудо-ҷудо, алоҳида-алоҳида.

**ЯККААНДОЗ** یکّهانداز *ниг.* **якандоз**.

**ЯККАБАЙТ** یکّهبیت шоҳбайт, беҳтарини байтҳо аз шеър, фардбайт.

**ЯККАБАНД** یکّهبند рӯймоли миёнбанди мардон.

**ЯККАБЕХ** یکّهبیخ :**яккабех кардан** ягона кардан.

**ЯККАБОҒ** یکّهباغ боғе, ки берун аз шаҳр ё деҳ дар ҷои кушод воқеъ шуда бошад.

**ЯККАГАРД** یکّهگرد он ки танҳо меравад (мегардад), танҳо ҳаракаткунанда.

**ЯККАГӢ** یکّگی танҳоӣ, ҷудо ва танҳо будан (*зистан, кор кардан*).

**ЯККАДАРМИЁН** یکّهدرمیان ҷудо-ҷудо, бо фоси-

ла, номураттаб.

**ЯККАДАСТ** یکّه‌دست он ки худаш танҳо кор мекунад, касе ки дар хоҷагиаш худаш кор мекунад: **деҳқони яккадаст**, **хоҷагии яккадаст**; **яккадаст шудан** дар кори хоҷагӣ танҳо мондан.

**ЯККАДАСТӢ** یکّه‌دستی яккадаст будан, яккадаст шуда кор кардан.

**ЯККАЗАНӢ** یکّه‌زنی якканикоҳӣ, якзанӣ.

**ЯККАЗИРОАТ** یکّه‌زراعت *кишов.* фақат як намуд зироатро коштан.

**ЯККАКОРД** یکّه‌کارد корди калони ғилофдор, ки ба миён меовезанд.

**ЯККАҚАДАМ** یکّه‌قدم якта-якта қадам партофта роҳ гаштан, бо оҳистагӣ қадам монда рафтан.

**ЯККАЛАЧОМ** یکّه‌لجام ресмони дароз, ки ба як ҳалқаи лаҷом мебанданд.

**ЯККАМАРДИКОРӢ** یکّه‌مردکاری кори мардикории алоҳида, мардикоре, ки танҳо кор мекунад.

**ЯККАМАХАВ** یکّه‌مخو *кҳн.* он ки аз одамон ҷудо шуда зиндагӣ кунад, мардумҷудо.

**ЯККАМЕХ** یکّه‌میخ мехи калони чӯбини қуббадор (*барои бастани асп ва г*).

**ЯККАНАВОЗ** یکّه‌نواز навозандае, ки дар саҳна танҳо худаш асбоби мусиқӣ менавозад.

**ЯККАНАВОЗӢ** یکّه‌نوازی амали якканавоз; навозиши мусиқии яковоза.

**ЯККАНАФАС** یکّه‌نفس *маҷ.* мардумгурез, гӯшанишин.

**ЯККАНИКОҲӢ** یکّه‌نکاحی *ниг.* **яккзанӣ**.

**ЯККАПИСАР** یکّه‌پسر писари танҳои як оила, фарзанди ягона.

**ЯККАРАВОҚ** یکّه‌رواق иборат аз як равоқ, дорои як равоқ (*ҳуҷраи мадраса*).

**ЯККАРАҚС** یکّه‌رقص номи яке аз оҳангҳои шӯх, барои рақси якка.

**ЯККАРАТА** یک‌کرته якдафъаина, якмаротиба; истифодааш як маротиба: **сузандоруи яккарата**.

**ЯККАРАТӢ** یک‌کرتی якборӣ, якмаротибагӣ.

**ЯККАРЕЗ** یکّه‌ریز маҳини оҳиста ва фосиладор: **садои яккарез**.

**ЯККАСА** یک‌کسه 1. муносиби як кас, барои як кас: **ҷои яккаса**. 2. як кас иҷрокунанда: **хониши яккаса**.

**ЯККАСАВОР** یکّه‌سوار танҳосавор, савори танҳо, яккатоз.

**ЯККАСАР** یکّه‌سر якка, танҳо, муҷаррад.

**ЯККАСАРДОР** یکّه‌سردار сардори ягона, сарвари ягона.

**ЯККАСАРДОРӢ** یکّه‌سرداری сардор, сарвар, пешвои ягона доштан, яккасолорӣ, фармонравоии мутлақ.

**ЯККАСӢ** یک‌کسی як кас-як кас, як нафар-як нафар.

**ЯККАСУМ** یکّه‌سم *зоол.* тоқсум; *муқоб.* **ҷуфтсум**.

**ЯККАТИР** یکّه‌تیر милтиқи ба тирдонаш як тир ҷошаванда: **милтиқи яккатир**.

**ЯККАТОЗ** یکّه‌تاز 1. аспи пештози пешсаф. 2. *маҷ.* худбин, худпарвар. 3. *маҷ.* ягона, беҳамто.

**ЯККАФУРӮШӢ** یکّه‌فروشی якта-якта фурӯхтан, чаканафурӯшӣ.

**ЯККАХОН** یکّه‌خوان он ки худаш якка суруд мехонад: **ҳофизи яккахон**.

**ЯККАХОНӢ** یکّه‌خوانی танҳо суруд хондан, амали яккахон.

**ЯККАХОҶАГӢ** یکّه‌خواجگی хоҷагидории хонавода, хоҷагии якка.

**ЯККАХУДОӢ** یکّه‌خدایی Худои ягонаро парастиш кардан, эътиқод доштан ба ягонагии Худо; тавҳид.

**ЯККАҲИЗБӢ** یکّه‌حزبی давлат ва ҳокимияте, ки тахти роҳбарии як ҳизб қарор дорад.

**ЯККАҲОКИМИЯТӢ** یکّه‌حاکمیتی ҳокимияти якка, ҳокимияти мутлақа.

**ЯККАЧИН** یکّه‌چین 1. баргузида, интихобшуда, интихобӣ, сара; **ҳайати яккачин**; **яккачин кардан** интихоб карда гирифтан.

**ЯККАЧӮБ** یکّه‌چوب чӯби калонро болои сой ва дарёча ҳамчун кӯпрук мондан.

**ЯККАҶЕҒ** یکّه‌جیغ хониши канда-кандаи бедона.

**ЯККАЧИЛАВ** يكّه‌جلو ресмони (банди) ба як ҳалқаи лаҷом басташаванда.

